
بسم الله الرحمن الرحيم

Дини мубини ислом тамаддун ва фарҳанги ғановатмандест, ки бо арзишҳои олии ҷовидонаи худ дар давоми асрҳо дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии халқу миллатҳои гуногуни олам, аз ҷумла тоҷикон, нақши бағоят бузург бозидааст.

Бузургтарин мактаби ҳуқуқии он, мазҳаби Абуҳанифа дорои ганҷинаи ғании илмиву фикрӣ буда, ба ҷаҳон ва инсон нигоҳи комил дорад ва метавонад посухгӯи бисёр ниёзҳои асосии имрӯзу фардои пайравонаш бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ
ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

АБДУШАРИФ БОКИЗОДА

ФИҚҲИ ИСЛОМӢ

БАР АСОСИ МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ

(ИБОДОТ ВА АҲВОЛИ ШАХСӢ)

(НАШРИ ПАНҶУМИ ТАКМИЛШУДА)

САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ
ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК
Душанбе – 2018

УДК 297.18(575.3)
ББК 86.38+87.3+817
Б-90

Китоби мазкур қаблан аз ташхиси давлатии диншиносии Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба он хулосаи мусбӣ дода шудааст (ташхиси диншиносии № 273 аз 29.04.2011 ва иловатан баъд аз тасҳеҳ, ташхиси №212 аз 29.11.2016).
Бо мувофиқаи Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чопи навбатӣ (мактуби № 830/2-01(3) аз 07.05.2018) тавсия дода шуд.

Сармуҳаррир:
Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ

Ҳайати таҳрир:
Файзуллоҳ Баротзода (*масъул*)
Сайидмукаррам Абдуқодирзода, Сайиднуриддин Шаҳобиддинов

Б-90 Абдушариф Боқизода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (ибодот ва аҳволи шахсӣ). – Душанбе: СИЭМТ, 2018. – 752 с.

ISBN 978-99947-33-95-8

Китоб нақши маънавии ибодат ва бандагии Худоро дар такомули рӯҳӣ ва бинои шахсияти инсон мавриди таъкид қарор дода, аҳкоми ибодатҳо ва ҳолатҳои шахсӣ ва хонаводагиро бар асоси бузургтарин мактаби фиқҳӣ дар ислом – мазҳаби ҳанафӣ баррасӣ ва пешкаши хонанда менамояд.

Китоб дар ороиши тоза ва бо истифода аз равиши дастабандӣ ва таснифи қонунҳои муосир таҳия гардида, барои доираи васеи хонандагон ва алоқамандон, ҳамчунин ҳавзаҳои гуногуни илмӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ тақдим мегардад.

Б 440304000-091 2006
86. 38 – 84

© Абдушариф Боқизода

АҲАММИЯТИ ДАРКИ ДУРУСТИ МАСЪАЛАҲОИ ФИҚҲИ ҲАНАФӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

Баробари ба истиқлолияти давлатӣ расидани кишвар дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа тағйироти бузург ба вуқӯъ пайваст ва барои рушди маърифату фарҳанг ва дастрасӣ ба сарчашмаҳои илмию адабӣ ва динию мазҳабӣ уфуқҳои тоза боз гардиданд.

Дар иҷрои ин амали хайр саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург буда, бо талошу заҳматҳои шабонарӯзии вай дар зарфи бисту ҳафт соли соҳибистиқлолӣ корҳои бузурге анҷом ёфтанд, ки ҳар кадоми онҳо шоистаи таҳсин мебошанд. Махсусан, барои омӯзиши сарчашмаҳои илмию адабӣ, ирфонию ахлоқӣ, фиқҳию каломӣ роҳи васеъ боз гардид ва хушбахтона, дар ин муддат китобҳои нодиру пураразише бо хатти кириллӣ дар кишварамон аз чоп баромаданд. Маҳз бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари асарҳои нодири адибони классик ва осори гаронбаҳои ҳакимону донишмандони пешин соли 2007 тарҷумаи Қуръони карим ва таҳияву баргардони дигар сарчашмаҳои пураҳаммияти исломӣ ба забони адабии муосири тоҷик интишор шуданд. Дар татбиқи ин ҳидоятҳои Роҳбари давлат хидмати олимони кишвар, аз ҷумла донишмандони Академияи илмҳо, шоистаи қадрдонист. Онҳо ба хотири ошно шудан ба осори илмии пешин, сарчашмаҳои муътамади илмию диниро баргардон ва ё аз забонҳои дигари дунё тарҷума карда, дастраси умум гардониданд.

Дар баробари ин бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввалин маротиба дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1310-солагии яке аз пешвоёни бузурги ислом ва сарвари мактаби фиқҳи ҳанафӣ – Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит доир гардид. Дар оғози ин симпозиум Пешвои миллат суханронӣ карда, доир ба нақши мазҳаби ҳанафӣ ва таъсири он дар суботи ҷомеа чунин изҳори назар намуданд: «Мазҳаби ҳанафӣ, ки сулҳу субот, амнияти ҷомеа ва рифоҳу осоиши мардум ҳамчун рукнҳои асосии он дониста шудаанд, дар тӯли таърих дар ҳаёти маънавии халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон, нақши беназир дорад».

Суханронии пурмуҳтавои Сарвари давлат дар ин чорабинӣ ва дигар маърӯзаҳои илмӣ на танҳо барои муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ нақши созгор гузоштанд, балки ҷиҳати чопу интишори осори фақеҳи бузург Имом Абуҳанифа ва шогирдони мактаби ӯ мусоидат намуданд. Дар натиҷа даҳҳо рисолаи илмию оммавӣ оид ба масъалаҳои дарки дурусти маорифи исломӣ ва арзишҳои башардӯстонаи он рӯи чоп омаданд.

Дар баробари ин Роҳбари давлат ба хотири фаъолияти озоди диндорон, кори муттасили муассисаҳои динии кишвар қонунҳоеро ба имзо расониданд, ки ҳар кадом барои беҳтар шудани фазои диндорӣ дар ҷумҳурӣ ёрии амалӣ расониданд. Махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» барои муайян кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ аз дин, муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро танзим намуда, таҳаммули мазҳабиро байни динҳо ва мазҳабҳои гуногун кафолат додааст. Дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикстон ва қонуни мазкур бо ибтикори ваколати қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурииии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амалӣ гардид, ки ин санадҳо дар заминаи анъанаҳои фарҳанги миллӣ, ки арзишҳои исломӣ низ ҷузъи он мебошад, таҳия ва амалӣ шуда истодаанд.

Қабули «Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин», ки моҳи апрели соли 2018 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, барои муайян кардани дурнамои муносибати давлат ба дин нақши назаррас мебозад. Дар ин ҳуҷҷати муҳим мақсаду вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар муайян ва ба танзим дароварда шудаанд. Дар Консепсияи фавқуззикр таъкид гардидааст, ки «мардуми тоҷик беш аз 1300 сол бо фарҳангу эътиқоди исломӣ зиндагӣ доранд. Дар ин муддат дини ислом ба яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанги миллии тоҷикон мубаддал шуда, меъёрҳои ахлоқию маънавии он дар зиндагии аксарияти мардум ҷой гирифтааст. Дар натиҷаи раванди тӯлонии омезиши арзишҳои исломӣ бо арзишҳои миллии тоҷикон дар фарҳангу ҳувийяти мардуми тоҷик марзи мафҳумҳо ва арзишҳои миллӣ ва динӣ асосан аз байн рафта, дар зиндагии амалии аксари мардуми Тоҷикистон ин арзишҳо ба сифати бахшҳои пайвастаи як низоми комили арзишию ахлоқӣ муаррифӣ мегарданд.

Дар шароити кунунӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин арзишҳои динӣ ҳамчун бахши

фарҳанги миллӣ баҳри таъмини ҳамзистии осоишта ва рушди ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш ва ҳифз қарор мегиранд».

Консепсияи мазкур муносибати минбаъдаи сиёсати давлатро ба дин дар ҷумҳурӣ воқеъбинона муайян кардааст ва ҷиҳати озодиҳои динӣ ва амалӣ гардидани ниёзҳои маънавии шаҳрвандон мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон ин санад ба танзими урфу одатҳои мардумӣ, таъмиқи ҳувийят ва худшиносии миллӣ, рушди маърифати динӣ дар асоси мазҳаби ҳанафӣ, тарбияи ахлоқи ҳамида, дастгирӣ намудани мардуми камбизоату ниёзманд, ятимону бепарасторон ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ асос мегузорад.

Дар пояи ҳамин заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳоло зарурати таҳкими арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи асолати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва маърифати созандаи динии мардум тақозои замон мебошад. Дар ин раванд таҳияву нашри осори адабию ахлоқӣ, илмию назариявӣ ва фиқҳию каломии гузаштагону муосирон метавонанд ниёзи маънавӣ ва талаботи рӯзафзуни ҷомеаро таъмин гардонанд ва зеҳнияти мардумро аз таъсири равандҳои номатлуби ифротию хатарнок ҳифз кунанд.

Бо ин мақсад дастур ё китобе, ки паҳлуҳои гуногуни таълимоти фиқҳиро бар асоси мазҳаби ҳанафӣ таълим диҳад ва ҳамчун раҳнамои маорифи исломӣ хидмат намояд, дар шароити кунунӣ амри зарурӣ мебошад. Ин нуктаро ба эътибор гирифта, Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик тасмим гирифтааст, ки китоби Абдушариф Боқизода «Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (ибодот ва аҳволи шахсӣ)»-ро бори дигар аз нашр барорад. Дар ин китоб, ки аввалин маротиба соли 2009 чоп шуда буд ва ба он баъзе саҳву ихтилофот роҳ ёфта буданд, муаллиф ҳамаи он эроду пешниҳодотро ба назари эътибор гирифта, пас аз хулосаи мутахассисони соҳаи диншиносӣ, уламо ва дигар ходимони дин онро мукаммал гардонида, бори дигар барои нашри оммавӣ манзур намудааст.

Ин китоб дар шароити кунунии рушди ҷомеа дастурамали хуб барои дуруст анҷом додани фаризаҳои динии мардум тибқи муқаррароти фиқҳи ҳанафӣ мебошад. Он инчунин барои мукаммал сохтани маърифати ҳуқуқӣ ва динии шаҳрвандон, тарбияи ахлоқии насли ҷавон, коҳиш додани таъсири ҳизбу ҷараёнҳои номатлуб ва пешгирӣ аз роҳ ёфтани равияву мазҳабҳои бегона дар фазои имонию эътиқодии ҷумҳурӣ маводди арзандаро ба хонанда пешниҳод менамояд.

Абдушариф Боқизода ин мероси гаронбаҳоро бо забони шевои тоҷикӣ ва бо услуби равону сода таълиф карда, бисёре аз мафҳуму мазмунҳои қуръониро бо забони оммафаҳм шарҳу тавзеҳ додааст. Бешак, ин кори арзандаи муаллиф шоистаи таҳсин ва сипосгузорӣ мебошад.

Китоби мазкур барои доираи васеи хонандагон армуғони хуб ба шумор рафта, илова бар ин, дар роҳи ташаккули фарҳанги таҳаммулпазирӣ, огоҳии диншиносии шаҳрвандон, таҳкими арзишҳои динию имонӣ хидмати шоиста менамояд. Инчунин, ин китоб дар замири хонандагон бовару эътиқодро ба мазҳаби ҳанафия зиёд мегардонад ва онҳоро аз ҳар гуна каҷфаҳмию шубҳа ва устуворӣ дар баробари ҳуҷуми равия, мазҳаб ва ҳизбу ҳаракатҳои ба ном исломӣ ҳамчун сипар ҳифз менамояд.


Бовар дорем, ки хонандагон тавассути ин китоб маърифати ҳуқуқи исломиро дуруст дарк карда, ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани фарҳанги миллӣ, ки арзишҳои исломӣ як бахши муҳимми онро ташкил медиҳанд, сайю кӯшиш менамоянд ва худро аз ҳар гуна равандҳои номатлуб ҳимоя мекунанд.

Ба роҳбарияти Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» низ ташаккур мекунем, ки солҳои охир барои васеъ гардидани доираи маълумоти илмию фарҳангии мардуми тоҷик донишномаҳо ва асарҳои муҳимми миллиро аз чоп бароварда истодааст, ки ҳар кадом дар ташаккули зеҳният ва васеъ гардидан ҷаҳонбинии илмии хонандаи тоҷик нақши муассир бозида истодаанд. Аз ҷумла китобҳои бисёрҷилдии «Энсиклопедияи миллии тоҷик» (то ҷилди 6), «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» (то ҷилди 4), «Таъриху-р-русули ва-л-мулук»-и Ҷарири Табарӣ (дар 8 китоб), «Донишномаи мухтасари кӯдакон ва наврасон», «Донишномаи донишмандони Тоҷикистон» (ҷилди аввал), «Донишномаи Душанбе», «Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Шинохт ва ёдгирӣ» (барои кӯдакони томактабӣ), «Номҳои зебои мо», «Гулистон»-и Саъдӣ (мусаввар), «Муқаддима»-и Ибни Халдун (дар ду ҷилд), «ал-Қонун»-и Ибни Сино (дар як китоби бузург) ва амсоли инҳо чоп шудаанд ва қисмате ҳам дар ҳоли чоп шудан қарор доранд.

Умедворем, ки дар оянда низ муассисаи мазкур ин ташаббусро идома дода, дар татбиқи сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва боло рафтани ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии фарзандони Тоҷикистон саҳми босазо мегузорад.

Абдуҷаббор Раҳмонзода
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА





БАРОИ ОГОҲӢ

Китоб пас аз бозбинии комил, ислоҳи хатоҳои матбаӣ ва ворид намудани баъзе иловаҳои зарурӣ ба чопи нав омода гардид. Ба хусус, дар бахши шашуми он ки шомили муносибатҳои шахсӣ ва хонаводагии мардум мебошад, матолиби зиёде афзуда шудааст. Бояд қайд кард, ки китоб илова бар баёни аҳком ва масоили бобҳои гуногуни фиқҳ ҷанбаи тарбиявӣ ва омӯзишӣ низ дорад. Дар он арзишҳои маънавӣ, омӯзаҳои ахлоқӣ ва шинохтҳои имонӣ ба таври чашмгире бозтоб ёфтаанд.

Мардум имрӯз, пеш аз ҳама, ба маърифати дурусти динӣ, шинохти воқеӣ аз арзишҳои қуръонӣ ва ба бинои шахсияти имонии худ ниёз доранд. Ин ниёзи маърифатӣ ва шавқи рӯзафзуни онҳо ба дарки моҳияти дин бояд бо тақдими матолиби қуръонӣ ва омӯзаҳои имонӣ ба таври дуруст пур сохта шавад ва арзишҳои маънавии ислом ба таври равшане дар қаламрави огаҳии онҳо қарор дода шавад, то Худои худро бо такя ба пойгоҳи маърифати ҳақ дониста парастиш кунанд ва аз аҳкоми дини Ӯ огоҳона пайравӣ намоянд. Аз ин рӯ, дар канори баъзе аз аҳком оятҳое аз китоби Худо ва порчаҳое аз аҳодиси расули акрам (с)-ро дар баёни далелҳои он зикр намудем. Ҳамчунин ба баъзе ҳикматҳои қонунгузории исломӣ дар ҷо-ҷои китоб ишора кардем.

Таълифи китоб ва бар ҷой гузоштани осори динӣ, агар холис барои Худо бошад, аз беҳтарин анвои садақоти ҷория, амали мондагор ва ба фармудаи расули Худо (с), илме аст, ки аз он истифода мешавад. Бинобар ин, соҳибони хирад ва нухбагони андешаи динӣ талошҳои хешро ҳамеша барои таҳқиқи он мабзул доштаанд. Дар ин баробар, яке аз суннатҳои нонавишта ва равиши мутадовил миёни тайф (маҷмӯаҳо ва гурӯҳ)-ҳое аз мардум он аст, ки ҳар кӣ ба таълиф рӯй оварад, ҳадафи накдҳои бемаврид ва нишонаи ғаразҳои эшон қарор гирад. Ба гуфтаи Шарафи Бухороӣ:

Пеш аз ин гуфтаанд аҳли салаф,
Узира ман саннафа, қад-истаҳдаф.

Бинобар ин, банда пешакӣ ба аҷзу кӯтоҳии худ эътироф мекунам ва медонам, ки камоли мутлақ барои ҳеҷ китобе, ҷуз китоби Худо, набуда ва амали банда ҳар чи бошад, аз паҳлуи аҷзи бандагӣ анҷом мегирад. Вале бо ин вуҷуд дар пешгоҳи Худованд амал кардан ва ба қадри тавони инсонӣ кӯшидан беҳ аз ҷое нишастан аст:

Ман ба аҷзу қусур муътарифам,
На чун нодон аҳмақу харифам.
Лек ба қадри хеш кӯшидан,
Беҳ зи бекорию хамӯшидан!

(Чаҳоркитоби шариф)

Пас ҳар кӣ моро аз хато ё саҳви қаламе, ки ба чашмаш расида, огаҳ созад, аз вай миннатпазирем ва ба дуои хайр ёдаш кунем!

*** ***

Ислом дини илму дониш мебошад ва Қуръон мусулмононро ба донишомӯзӣ ва ривоҷи илму фарҳанг дар ҷомеа фаро мехонад. Дар фарҳанг ва тамаддуни исломӣ падидае бо номи низоъ дар миёни «дину дониш» ва тазодди «ақлу нақл» ву-

ҷуд надорад. Бар асоси таълимоти ислом буд, ки мусулмонон дар бисёре аз риштаҳои улуми инсонӣ ва таҷрибӣ пешгом гардиданд ва хидматҳои инкорнопазире барои пешрафти илм ва тамаддуни башарӣ арза доштаанд.

Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,
Мобақӣ ту устухону решаӣ.
Гар гул аст андешаи ту, гулшанӣ
В-ар бувад хоре, ту ҳемай гулханӣ.
Гар гулобӣ, бар сару ҷайбат зананд
В-ар ту чун бавлӣ, бурунат афкананд.

(Маснавӣ)

Илми фиқҳ баъд аз ақида дуввумин шоҳсутуни дин аст. Паёмбари акрам (с) мефармояд:

يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلْعُسْرَ

«Касе, ки Худо барояш хайрро бихоҳад, ӯро дар (улуми) дин донишманд мегардонад».

Гуфт ҳикматро Худо хайри касир,
Ҳар куҷо ин хайрро бинӣ, бигир!
Илм ҳарфу савтро шаҳпар диҳад,
Покии гавҳар ба ногавҳар диҳад.

Илмро бар авҷи афлок аст раҳ,
То зи чашми меҳр баркандад нигаҳ.
Нусхаи ӯ нусхаи тафсири кул,
Бастаи тадбири ӯ тақдири кул.

Даштро гӯяд ҳубобе деҳ, диҳад,
Баҳрро гӯяд саробе деҳ, диҳад.
Чашми ӯ бар воридоти коинот,
То бубинад муҳкамоти коинот!

Дил агар бандад ба ҳақ, пайғамбарист,
В-ар зи ҳақ бегона гардад, кофарист.
Илмро бе сӯзи дил хонӣ, шар аст,
Нури ӯ торикии баҳру бар аст.

(Куллиёти Иқбол, Ҷовиднома)

ОҒОЗИ МАТОЛИБ

Муддати хеле зиёде буд, ки ҳавзаҳои фарҳангӣ ва марказҳои илмии ҷомеаи мо аз адабиётҳои динӣ, донишномаҳои фарҳангӣ ва маҷмӯаи нафиси фиқҳи исломӣ холӣ ва бебаҳра монда буданд.[1] Қишрҳои гуногуни ҷомеа ба як барномаи фарогири маънавӣ ва тарҳи комили фарҳангӣ ниёз доранд.Кормандони доираҳои ҳуқуқии кишвар, мақомоти қонунбарор, коршиносони соҳаҳои гуногуни илмӣ ва ғайра ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фиқҳи исломӣ барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқии худ ва барои омӯзишҳои муқоисавии он ба ҳамон андоза ниёз доранд, ки оммаи мардуми кишвамон дар ба даст овардани шинохтҳои дурусти динӣ ба он ниёз доранд.

Хушбахтона, бар асари сиёсати фарҳангии кишвар, ки бозгашт ба асолати миллӣ ва ҳувияти маънавии ҷомеа дар сархатти барномаҳои маърифатии он қарор гирифтааст, имрӯзҳо китобу рисолаҳои зиёде дар бораи арзишҳои динӣ ва фарҳанги исломӣ пешкаши хонандагон гардидааст. Эълони соли 2009 ба унвони Соли бузургдошти Имоми Аъзам (рҳ) аз сӯи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ин раванди худшиносӣ такони тозае бахшид ва мардум бо шӯру шавқ ба омӯзиш ва ҷустуҷӯи арзишҳои фарҳанги ниёгон ва омӯзаҳои тамаддуни исломӣ рӯй оварданд.

Инак, ба муносибати Соли бузургдошти Имоми Аъзам (рҳ) китоби «Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ»-ро бори дигар, пас аз бозбиниҳои амиқи илмӣ, омодаи чоп ва пешкаши хонандагон гардонидем.

Ин китоб ҳарчанд ҷавобгӯи тамоми ниёзҳои омӯзишӣ ва маънавии мардум, ба хусус дар бахши аҳволи шахсии қонуни маданӣ (шаҳрвандӣ)-и ислом, намебошад ва наметавонад ба танҳоӣ халои (норасоӣ ва холигии) фиқҳии тамоми қишрҳои ҷомеаро пур намояд, вале умед дорем, ки заминаро барои такомули омӯзишҳои баъдӣ фароҳам созад.

Қисмати аъзами китобро бахши ибодатҳо ташкил медиҳад, ки ба забони содаву равон ва бастабандии зебое баён гардидаанд. Дар ҷо-ҷои китоб ва дар гулгаштҳои ҳар мавзӯе барои истишҳод ва баёни матлаб оятҳо ва ҳадисҳое дарҷ гардидаанд, ки ба китоб ҳусни тозае бахшидаанд.

Албатта, далел ва мустанади тамоми рукнҳо ва амалҳоро аз Қуръон ва суннат намешавад дар ин китоб дарҷ кард, зеро дар он сурат китоб хеле калонҳаҷм меомад. Вале набояд гумон кард, ки амалҳо ва рукнҳое, ки далел ва мустанаде барои онҳо зикр нагардидааст, ба ҳеҷ гуна далел ва санаде аз Қуръон ва суннат такя надоранд. Зеро тамоми масоили фиқҳие, ки дар китобҳои фиқҳ баён гардидаанд, усули онҳо аз Қуръон ва тафсилоти онҳо аз суннати расули Худо (с) гирифта шудаанд.

*** ***

Бахши охир ва ё қисмати дуюми китобро мавзӯъҳое ташкил медиҳанд, ки дар қонуни шаҳрвандӣ ба аҳволи шахсӣ (кодекси оила) шинохта мешаванд. Онҳо аз никоҳ, талоқ, ширхорагӣ, идда, хулъ, зиҳор, нафақа ва ғайра иборат мебошанд ва дар таҳкими бунёди хонавода, танзими пайвандҳои хешутаборӣ, ҳифзи муҳити солими оила ва парвариши фарзандони солим нақши муҳимме мебозанд.

Дар ин қисмат баъзан бандҳоеро аз қонуни аҳволи шахсӣ ва аҳкоми хонавода (кодекси оила) дар кишвари Миср ва Сурия, ки бо истинод ба аҳкоми фиқҳ дар мазҳаби ҳанафӣ таҳия шудаанд, зикр намудем, то хонандаро дар дарки ҳарчи амиқтари масъала ва ҳифзи сареи он мусоидат намояд.

Дар охири ин бахш фаслеро ба баёни ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва пойгоҳи ҳуқуқии зан дар фарҳанги исломӣ тахсис додем, ки дар он порае аз корномаҳои азими ислом дар роҳи таъмини ка-

[1] Манзур осор ва адабиёти исломӣ барои омӯзиш ва аз худ кардани маърифати динӣ аст, на мавҷудияти нусхаҳои хаттӣ ва китобҳои нигаҳдоришудаи ниёгон дар осорхонаҳо ва бахши мероси хаттӣ.

фолатҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа бо ихтисор зикр гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки пас аз баёни ҳукми шаръӣ, моҳият ва қоидаи куллии ҳар мавзӯъ, тафсили масоили гуногуни он боб ба бандҳо ва зербандҳо ҷудо гардидааст. Ҳар банде бо рақамҳои тартибӣ, ҳарфҳои алифбоӣ шуморагузорӣ ва муайян гардидааст, ки барои беҳтар ба хотир супоридани мавзӯъҳои муҳим ва масъалаҳои гуногуни ҳар боб ба хонанда мусоидат менамояд.

Китоб бо истинод ба муътабартарин китобҳои фиқҳи ҳанафӣ таҳия гардида, барои доираи васеи хонандагон пешкаш мегардад.

Шоёни зикр аст, ки ин китоб бори аввал бо дастгирӣ ва кумаки холисонаи **бародар ва дӯсти арҷманд ҳоҷӣ Абдуғафури Шарифзода** таҳия ва ба чоп расид. Худованди мутаъол ин амали солеҳро аз ӯ ба унвони ёдгории фарҳангии баёдмонданӣ бар фарози наслҳо, садақаи ҷория ва пасандози неке дар парвандаи аъмоли бандагонаш қабул фармояд ва идомаи ин суннати некро барои вай ва дигар дӯстдорони илму фарҳанги исломӣ иноят фармояд! Худованд ӯро дар радифи бандагоне қарор диҳад, ки аз онҳо хушнуд буда, аъмоли эшонро бо беҳтарин ваҷҳ пазируфтааст. **«Ҳар марду зане, ки амали солеҳ анҷом диҳад, дар ҳоле ки муъмин бошад, барои ӯ ҳаёти покизае ато намоем ва онҳоро ба беҳтарин ваҷҳе, ки амал кардаанд, подош диҳем»**.[1]

Боз бош, эй боби раҳмат, то абад,
Боргоҳи мо лаҳу куфуван аҳад.
Боз бош, эй боб, бар ҷӯёи боб,
То расад аз ту қушур андар лубоб.
(Мавлоно, Маснавӣ, дафтари аввал)

Ин китоб ҳамчунин соли 2009-ум аз сӯи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар омода ва бо дастгирии ҳамаҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дар зимни силсилаи осори исломӣ, дар арафаи таҷлили 1310-солагии зодрӯзи хуҷастаи пешвои бузурги ҷаҳони ислом ва сарвари мактаби фиқҳи ҳанафӣ – Имоми Аъзам Абуҳанифа (рҳ) нашр гардид.

Бо назардошти ниёзи маънавӣ ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба маорифи исломӣ ва донишҳои динӣ китоб бори дигар солҳои 2011 ва 2016 бо иловаҳои зарурӣ ба табъ расид. Ҳоло Сарредаксияи илмии Донишномаи Миллии Тоҷик пас аз бозбинии комил ва таҳрири энсиклопедӣ нашри нави онро ба доираи васеъи хонандагон тақдим мекунад.

Дар поён аз тамоми бародарони арҷманде, ки дар таҳия, вероиш, танзими матолиб ва нашри академии ин китоб саҳме гузоштаанд, ба хусус **дӯсти холис ва бародари некраъй Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ**, самимона сипосгузорӣ менамоям ва аз даргоҳи Худованд комгории ду ҷаҳонро барои онҳо таманно дорам ва барои тавфиқи ин амали муҳим Худоро шукр мегӯям ва бар Муҳаммад ва асҳоби киромаш салавот мефиристам.

Муҳаббатпешаӣ, аз нақши бедардӣ
табарро кун,
Ҳамин доғ аст, агар зебанда бошад,
дилнишиниро!

Ҳасад то кай, таассуб чанд, агар дарди
диле дорӣ!?
Ниёзи зоҳидони бехабар кун дарди диниро.

Дар ин гулшан чӣ лозим маҳви чандин
рангу бӯ будан!?
Замоне ҷилваи ойина кун хилватгузиниро!
(Бедил, Ғазалиёт, 172)

[1] Наҳл, 16:97.

ДАР БОРАИ ФИҚҲ

Фиқҳи исломӣ ҳамеша яке аз ғанитарин ва пурбортарин ҳавзаҳои қонунгузории ҷомеаи башарӣ буда ва ҳаст. Бо вуҷуди ҳолати рукуд ва ақибмондагие, ки ҷомеаҳои исломӣ дар мақтаъҳои гуногуни таърих, ба хусус дар чаҳор-панҷ асри ахир, дар он қарор доштанд ва бо вуҷуди таҳоҷуми фарҳангии пурҳаҷме, ки бар зидди арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддуни миллатҳои мусулмон сурат гирифта ва бо печидатарин шеваҳо идома дорад, фиқҳи исломӣ тавонистааст пӯёӣ ва зиндарӯҳии худро ҳифз намояд ва ҳампои замон ҳаракат кунад.

Меҳру маҳ равшан зи тоби мо ҳанӯз,
Барқҳо дорад саҳоби мо ҳанӯз.
Зоти мо оинаи зоти Ҳақ аст,
Ҳастии муслим зи оёти Ҳақ аст!

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Асрори худӣ)

Донишмандони мунсиф ва пажӯҳишгарони воқеъбини Ғарб низ ба ин ғановати фарҳанг ва фиқҳи исломӣ бо сароҳат эътироф кардаанд. Яке аз ин донишмандон бо номи Сотело дар ин бора мефармояд: *«Фиқҳ ва қонуни исломӣ ба андозае ғанӣ ва фарогир аст, ки агар нагӯем барои таъмини ҳуқуқҳои мадании ҷомеаи башарӣ ба таври куллӣ кофӣ аст, ҳатман бояд бигӯем, ки барои таъмини ҳуқуқҳои мадании тамоми мусулмонон кофӣ аст»*.[1]

Аслан қонунҳои ҷомеаи башарӣ, ки тавассути андешаи худи одам вазъ ва тарроҳӣ гардидаанд, пас аз паймудани марҳалаҳои гуногун ва гузашти асрҳо ва наслҳо ба пояе аз пухтагӣ ва такомули нисбии худ мерасанд. Зеро ин қонунҳо, умуман, ба таҷрибаи наслҳо, диққати мағзҳо ва сатҳи рушди мафкура ва шаффофияти нафсияти барномарезон ва мақомоти қонунгузори он миллатҳо такя мекунанд ва ба зарфиятҳои ақлонӣ ва фикрии онҳо сахт вобастагӣ доранд.

Аммо маҷмӯаи гаронбаҳои фиқҳи исломӣ ба пуштвонаи илоҳӣ – Китоб ва хазонаи маорифи набавӣ – Суннат такя дорад. Коре, ки фақеҳон ва коршиносони фиқҳи исломӣ анҷом дода ва насл ба насл онро идома медиҳанд, танҳо бозгӯ кардан – истинбот ва боббандӣ намудани аҳкоми амалии шаръ аз оёт ва аҳодиси аҳком ва такйифи фиқҳи (шаклдиҳӣ, баёни ҳукм ва танзим)-и масоил ва ҳаводиси тоза дар зимни куллиёт ва қавоиди фиқҳӣ бо забони аср ва фарохури зарфиятҳои фикрии мардумони ҳар замон аст, на бинои аҳком ба маънои афзудани чизе аз пеши худ ба шаръи Худованд ё қонунгузорӣ бар асоси таҷрибаи башарӣ ва бе истинод ба сарчашмаҳои шаръ.

Фиқҳи исломӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти худ то охирин лаҳзаҳои хилофати исломӣ, ҳам дар муҳтаво ва ҳам дар бастабандӣ аз ҳар навъ қонуни вазъӣ бартарӣ дошт, вале дар садсолаи ахир, вақте аз арсаи ҳаёти миллатҳои мусулмон қисман ва ё куллан берун гардонида шуд, дигар он ҷозибаи қаблӣ ва пешгомӣ дар тамоми арсаҳоро дар зоҳир аз даст дод ва ҳоло ба бастабандии тозае ниёз дорад.

Гарму сарди рӯзгори ӯ нигар,
Сахтии ҷони низори ӯ нигар!
Хун гаронсайр аст дар рагҳои ӯ,
Санги сад даҳлезу як симои ӯ.

Панҷаи гардун чу ангураш фишурд,
Ёдгори Мусию Ҳорун намурд.
Аз навои оташинаш рафт сӯз,
Лекин андар сина дам дорад ҳанӯз.

З-он ки чун ҷамъияташ аз ҳам шикаст,
Ҷуз ба роҳи рафтагон маҳмил набаст.

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Румузи бехудӣ)

Акнун ба шарофати истиқлолият ва дар сояи талошҳои хастагинопазир ва раҳнамоиҳои хирадмандонаи сарвари давлат, ки бозгашт ба

[1] Афиф Абдулфаттоҳ Таббора. Рӯҳи дини исломӣ (тарҷимаи форсӣ, Абубакри Ҳасанзода). – Машҳад, 1375 ш. (1997). – С. 535. Минбаъд: Рӯҳи дини исломӣ.

асолати миллӣ ва ҳувияти аз дастдодаи фарҳангиро ҷузъи сиёсатҳои фарҳангии кишвар қарор додааст, бояд донишварони динӣ ва коршиносони соҳа ба бастабандии зебо ва бозгӯ намудани арзишҳои фарҳангӣ ва ганҷинаҳои нафиси тамаддуни ниёгон камар банданд, ки маҷмӯаи гаронбаҳои фиқҳи исломӣ бахши ҷудоинопазири онро ташкил медиҳад.

Ҳамон гуна ки маҳсулоти дохилии кишвари мо, аз ҷумла меваву сабзавоти он дар сифат ва лаззат аз он чи дар дигар кишварҳои мутараққӣ истеҳсол мегардад, бартарӣ дорад, вале ба бастабандии зебо ва дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ниёз дорад, ҳамчунин фарҳанг ва тамаддуни исломӣ, аз ҷумла маҷмӯаи фиқҳии он, ба чунин муаррифие бештар ниёз дорад.

Шоёни зикр аст, ки бори сангини ин рисолати илоҳиро дар тӯли таърихи наздик ба якуним ҳазорсола донишмандони бузурги ислом ва қишри уламо (муллоҳо) бо беҳтарин сурат ҳамл намуда ва ба наслҳои баъдӣ таҳвил додаанд. Бо ҷуръат метавон гуфт, ки агар онҳо намебуданд, имрӯз чизе бо номи тамаддуни ҷаҳонии ислом вуҷуд намедошт, вале афсӯс, ки ин хидмати арзанда ва корномаи таърихии онҳоро имрӯз на ҳама кас мешиносад ва арҷ мегузорад.

Таърихан омилҳои зиёде сабаби пӯшида мондан ва ё камранг гаштани ин корномаи бузурги донишмандони ислом дар чашми мардум гардидааст ва шояд яке аз он омилҳо ин бошад, ки имрӯз дар миёни намояндагон ва пешоҳангони ин рисолати бузурги илоҳӣ як идда диндорони хушк, афсурдарӯҳ, бемуҳтаво ва дорои афкору андешаҳои пуч ва пур аз таассуб низ вуҷуд доранд, ки нашри арзишҳои волои динро арсаи фаъолиятҳои кӯтоҳназарона ва андешаҳои номавзуни худ қарор додаанд. Онҳо на танҳо тамаддуни исломӣ ва арзишҳои фарҳангии ниёгонамонро бо забони аср ва усул (метод)-ҳои пешрафтаи илмӣ баён намекунанд, балки аҳёнан худ барои нофаҳмиҳои ҳарчи бештар ва гурезонидани қишрҳои гуногуни ҷомеа аз тамаддун ва фарҳанги волои исломӣ заминаро омодатар месозанд.

Аз таассуб ҷоҳилон дини ҳудоро душмананд,
Оқибат дар ҷанги ин кӯрон асо хоҳад шикаст!

(Бедил, Ғазалиёт, 557)

Бе таассуб гарду бе тақлид шав,
Ширк сӯзу ғарқаи тавҳид шав!
Гар ту ҳастӣ дурбину роздон,
Пас табиат аз шариат боз дон!

Чун ту бар тақлид бошӣ корсоз,
Шаръро аз табъ кай донӣ ту боз!
Гар ту бар тақлид хоҳӣ рафт роҳ,
Кӯҳ бошӣ, на ҷаве арзӣ, на коҳ!

(Фаридуддин Аттор, Мусибатнома, Дар таассуб)

*** ***

Ҷаҳониён, ба хусус олами Ғарб, дар тӯли асрҳо ва наздик ба ҳазор сол китобҳои илмии ҷаҳони ислом, дастовардҳои таҷрибӣ ва кашфиётҳои фарзандони рашид ва барӯманди ин тамаддунро, ки дар риштаҳои гуногуни улум ба вуҷуд омада буданд, китобҳои рӯимизӣ ва маводди омӯзишии донишгоҳҳо ва марказҳои илмии худ қарор дода буданд. Тамоми ранҷҳои илмӣ ва ҳосили умри наслҳои ин миллатҳоро ба забонҳои худ тарҷима ва нашр намуда, пояи хезиши илми (Ренессанс)-и худро бар асоси он бино ниҳоданд. Аллома Иқболи Лоҳурӣ дар ин бора чи бас накӯ гуфтааст:

Ҳикмати ашё фарангизод нест,
Асли ӯ ҷуз лаззати эҷод нест.
Нек агар бинӣ, мусулмонзодааст,
Ин гуҳар аз дасти мо афтодааст.

Чун араб андар Уруппо пар кушод,
Илму ҳикматро бино дигар ниҳод.
Дона он саҳронишинон коштанд,
Ҳосилаш афрангиён бардоштанд.

Ин парӣ аз шишаи аслофи мост,
Боз сайдаш кун, ки ӯ аз Қофи мост!
Лекин аз таҳзиби лодинӣ гурез,
З-он ки ӯ бо аҳли ҳақ дорад ситез!

Фитнаҳо ин фитнапардоз оварад,
Лоту Уззо дар Ҳарам боз оварад.[1]

Гоҳе баъзе кашфиётҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои бемонанди нобиғаҳои ҷаҳони исломро ба худ нисбат дода, аз номи худ ба ҷаҳониён муарри-

[1] Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёт. – С. 384. – Теҳрон: Интишороти Паймон, 2002.

фӣ намуданд. Душвор буд, ки ба ин илмдуздии онҳо касе ҳам пай барад, зеро тамоми манбаъҳои муҳимми илмӣ ва дастхатҳои ноёби ҷаҳони ислом ба марказҳои илмӣ ва китобхонаҳои аврупоӣ интиқол дода шудаанд. Аксари он дастхатҳои нодир ва манбаъҳои дастнохӯрда танҳо дар китобхонаҳои кишварҳои аврупоӣ ёфт мешаванд.

Доктор Зегрид Ҳунка дар китоби «Фарҳанги ислом дар Аврупо»-и худ дар ин бора менависад: *«Тамаддуни исломӣ на танҳо мероси тамаддуни Юнонро аз нобудӣ ва фаромӯшӣ наҷот дод, ба он назму услуб бахшид ва ба Аврупо таҳвил дод, балки он поягузори химияи озмоишӣ, физика, ҷабр (алгебра), илми ҳисоб (арифметика) ба мафҳуми имрӯза, тригонометрияи куравӣ, заминшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мебошад. Тамаддуни исломӣ кашфиётҳо ва ихтирооти гаронбаҳои бешуморе дар тамоми бахшҳои улуми таҷрибӣ ба Ғарб эҳдо намудааст, ки аксари онҳоро нависандагони аврупоӣ баъдҳо дуздида, ба ҳисоби худашон гузаронидаанд. Аммо гаронбаҳотарини онҳо шояд равиши таҳқиқоти илмҳои табиӣ бошад, ки пешрафти мусулмонон дар ин ҷанба ҷои пое барои аврупоиён дар ин замина боз кард ва онҳоро ба шинохти қонунҳои табиат расонд»*.[1]

Вале паҳлӯи дигари тамаддун ва фарҳанги волои ин паҳнои оламро, ки ҷанбаи илоҳӣ дошт, нагузоштанд барои омӯзиш ва ҳатто мутолиаи назариявӣ ва муқоисавӣ дар дастраси мардумони кишварҳои худ қарор гирад.

Арзишҳои умумибашарии фарҳанги исломӣ, маънавиёти инсонсози мактаби ислом ва ганҷинаи нафиси фиқҳи исломӣ ҳаргиз ба ҳавзаҳои фарҳангии мардумони болаёқати он кишварҳо ба сурати зебо ва беолоиши худ роҳ наёфт, балки ҳокимияти калисо дар асрҳои миёна ва давлатҳои мустамликадори аврупоӣ пас аз давраи Ренессанс ҳамвора бар зидди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ мубориза бурда, мардумони худро аз мутолиаи ин захираи фарҳангӣ ва хазонаи илмӣ маҳрум нигоҳ доштанд. Агар ба фарзе аз он истифода гардида бошад ҳам, танҳо дар доираи маҳдуд ва бо мақсади ёфтани роҳҳои мубориза бар зидди он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бо ин ҳама, агар онҳо тавониста бошанд, ки дар арсаҳои гуногуни илмӣ, майдонҳои донишҳои дақиқи таҷрибӣ ва тадқиқотҳои гуногун ба дастовардҳои муҳимме даст ёбанд ва ба канораҳои дурдасти ихтироот равона гарданд, агар дар ин бахш аз миллатҳои мусулмон пешӣ гирифта бошанд ҳам, вале дар ҳавзаи арзишҳои фарҳангӣ ва дастёбӣ ба қонунҳои комил, фарогир ва маҳфуз аз норасоиҳои фикри инсонӣ ҳеҷ гоҳ ба пояи арзишҳои тамаддуни исломӣ ва қонунҳои фиқҳии он нарасидаанд.

Маҷмӯаи нафиси фиқҳи исломӣ ва хазонаи маорифи илоҳӣ дар бароварда сохтани ниёзҳои фитрии инсон, таъмини амнияти рӯҳӣ ва иҷтимоии фард, хонавода ва ҷомеа, барқарор намудани робитаҳои мусбат ва дӯстона дар миёни қишрҳои гуногуни миллат, дар таъмини озодиҳои инсон ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандии вай, адолати иҷтимоӣ ва фаро гирифтани паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти мардум аз дигар қонунҳо бартарӣ дорад. Зеро қонуне, ки тавассути инсон гузошта мешавад, тобеи шароит ва маҳдудиятҳое мебошад, ки инсон, яъне шахси конунгузор ҳеҷ гоҳ аз онҳо ҷудоӣ надорад: **а)** такомули тадриҷӣ; **б)** маҳдудият; **в)** таъсирпазирӣ; **г)** хатопазирӣ; **ғ)** вобастагӣ; **д)** ниёзмандӣ; **е)** нисбият

Такомулпазирии тадриҷӣ, маҳдудияти шинохтҳои илмӣ ва зарфиятҳои башарӣ, маҳдудиятҳои замонию маконӣ ва дигар маҳдудиятҳои инсон, ҳамчунин қобилияти таъсирпазирӣ ва хатопазирии ӯ ҳама боис мегарданд, то инсон натавонад як қонуни комили мутлақ, фарогир ва ба дур аз таъсироти омилҳои дарунӣ ва берунӣ ба мисли қонунҳои илоҳӣ бино гузорад.

Вобастагиҳои гуногуни инсон ва ниёзмандиҳои фитрӣ ва ҳаётии ӯ суръати такомули тадриҷии ӯро кундтар, маҳдудияташро бештар ва таъсирпазирияшро зиёдтар мегардонанд ва ба ин тариқ нисбӣ будани дастовардҳо ва пешрафтҳои ӯро ба исбот мерасонанд. Бинобар ин, қонуне, ки бо дасти чунин инсоне тарроҳӣ ва вазъ мегардад, аз ҳар ҷиҳат ноқистар аз он қонунест, ки аз ҷониби Худованд поягузорӣ гардидааст. Зеро Ӯ аз чунин маҳдудиятҳо ва нақоис (норасоиҳо)-е пок ва бартар мебошад.

Бо дарназардошти ин маҳдудиятҳои вуҷудӣ

[1] Доктор Зегрид Ҳунка. Фарҳанги ислом дар Аврупо (Islamic culture in Europe). – С. 419, 420. –Теҳрон, 1386 ш. (2007).

ва норасоиҳои имконот дар инсон аз назари шариати ислом қобилиятҳои ақлӣ, захираҳои фикрӣ ва зарфиятҳои маънавии ӯ, бо тамоми таҷрибаҳои иҷтимоӣ ва дастовардҳои илмиаш дар гузоштани тарҳи куллӣ ва низоми мутакомили иҷтимоие барои ҷомеа нокофӣ ва нотавон дониста шудааст.

*** ***

Аз сӯи дигар, танҳо бозгашт ба асолати фарҳангӣ ва эҳёи дубораи арзишҳои исломӣ метавонад хайру саодат ва пешрафту шукуфоиро барои мусулмонон таъмин ва ҷойгоҳи сазоворе барояшон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам оварад.

Мусулмон аз худӣ марди тамом аст,
Ба хокаш то худӣ мирад, ғулом аст.
Агар худро матои хеш донӣ,
Нигаҳро ҷуз ба худ бастан ҳаром аст!

Зи Қуръон пеши худ ойина овез,
Дигаргун гаштаӣ, аз худ бигрез!
Тарозуе бинеҳ кирдори худро,
Қиёматҳои пешинро барангез!
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Армуғони Ҳиҷоз)

Пажӯҳишгари амрикоӣ ва устоди фалсафа дар донишгоҳи Ҳорворд (Гарвард) Ҳокнер дар китоби хеш «Рӯҳи сиёсати ҷаҳонӣ» (чопи соли 1932) пас аз баррасии фиқҳ ва қонунҳои исломӣ бар асоси мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат мегӯяд: *«Тараққӣ ва пешрафти кишварҳои исломӣ дар ин нест, ки аз гуфтаҳои ғарбиҳо пайравӣ намоянд, ки мегӯянд: Дин ҳақ надорад дар бораи инсони имрӯзӣ чизе бигӯяд ва дар бораи қонун ва назми осмонӣ баҳс намояд, балки бар мусулмонон лозим аст асоси тараққӣ ва пешрафтро дар дини худ ҷустуҷӯ намоянд.*

Агар касе савол кунад ва бигӯяд: Магар низоми ислом метавонад бо андешаҳои тоза аҳком ва назарияҳои наверо пешкаш намояд, ки мавриди ниёзи зиндагии ин аср бошанд? Дар ҷавоби ин савол мегӯям, ки тамоми имконоти дохилӣ барои рушду тараққӣ дар низоми ислом мавҷуд мебошанд, ҳатто қобилияти он барои пешрафт аз дигар низомҳои ҷаҳон бештар аст. Мушкили мусулмонон дар ин нест, ки василаҳои тараққӣ, таҳаввул ва пешрафтро дар шариати ислом надошта бошанд, балки мушкили онҳо дар ин аст, ки намехоҳанд имконот ва василаҳои дини худро дар роҳи пешрафти хеш ба кор гиранд.

Вақте мегӯям: шариати ислом ба андозаи фаровоне дорои тамоми асосҳо ва пойгоҳҳои зарурӣ барои пешрафт ва тараққии ҷомеаи башарӣ аст, аз ин гуфтаи худ шодам ва эҳсос мекунам, ки ҳаққеро адо кардаам».[1]

Хуб аст бидонем, ки таҳқиқи каромати инсонӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии инсон дар зиндагӣ муҳимтарин ҳадаф ва дурнамои арзишҳои ойини ислом ва қонунҳои фиқҳии онро ташкил медиҳанд. Коршиносони доираҳои қонунгузорӣ ва донишмандони ғайриисломӣ низ ин воқеиятро хуб дарк карда, ба асли ҳакимонаи аҳкоми шаръ ва мақсадҳои пураразиши фарҳанги исломӣ эътироф намудаанд.

Алфред Гейвум мудири донишкадаи Голҳом ва устоди собиқи забонҳои Шарқи донишгоҳи Дорҳом дар муқаддимаи китоби «Мероси ислом» ба нақл аз Арнест Ҷузеф Ринон – нависандаи фаронсавӣ мегӯяд: *«Ислом ойини (зиндагии ҷомеаи) башарӣ аст ва мехоҳад кору фаъолияти одамонро ба сатҳи боло бирасонад. Дар ин сурат метавонем бо фақеҳони ислом ҳамақида бошем ва бигӯем, ки асоси воқеии қонуни ислом озодии инсон аст».*[2]

[1] Рӯҳи дини исломӣ (тарҷимаи форсӣ, Абубакри Ҳасанзода). – С. 534.

[2] Муҳйиддини Солеҳӣ. Шарҳи ҳол ва зиндагии асҳоби сиҳоҳи ситта. – С. 8. – Санандач, 2002. Ба нақл аз китоби «Мероси ислом», ки тавассути сездаҳ нафар шарқшинос ва устодони донишгоҳҳои Англия таълиф гардидааст.

МАКТАБИ ФИҚҲИИ ИМОМ АБУҲАНИФА (РҲ)

Барои ошноии бештар бо мактаби фиқҳии имом Абуҳанифа (рҳ) фишурдае аз таърихи таъсисёбӣ ва марҳалаҳои инкишофи онро пешкаш менамоем:

Мактаби фиқҳи ҳанафӣ ва умуман, риштаи ҳуқуқ дар ислом ба дасти яке аз файласуфони бузурги ҷомеаи башарӣ ва донишманди абармарди аҳди табаатобеин[1] Абуҳанифа (рҳ) поягузорӣ гардидааст. Дар рехтани пояҳои ин кохи баланди илмӣ нухбагони фикри он рӯзгор – шогирдони муқарраб ва тирози аввали он устоди беназир, ба монанди Абуюсуф (рҳ), Муҳаммад (рҳ), Зуфар (рҳ), Ҳасан (рҳ) ва дигарон дар канори он марди Худо ширкати бевосита ва нақши басо азиме доштанд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) ва шогирдонаш (ҷамъе аз нухбагони андешаи он рӯзгор) ба сурати бузургтарин мактаби илмӣ-таҳқиқотӣ ва шоистатарин маҷлиси қонунгузорӣ амал карда, бинои мазҳаби худро бар асоси шӯро ва ба таври дастаҷамъӣ гузоштаанд.

Дар он маҷмаи илмӣ пас аз баррасиву таҳқиқ дар масоили матраҳгардида ва ба хулосае расидани нуқтаи назари тамоми онҳо, ба котиботи маҷлис дастур мешуд, то онҳо дар китобе бо номи «ал-Усул» ё «ал-Асл» сабт гарданд ва яке аз котибҳо худи имом Абуюсуф (рҳ) буд.[2]

Бояд қайд кард, ки дар маркази илмӣ ва ё маҷмаи қонунгузорие, ки имом Абуҳанифа (рҳ) аз шогирдони саромади худ дар риштаҳо ва тахассусҳои гуногуни илмӣ ба вуҷуд оварда буд, дар тӯли бисту ду соли фаъолият бештар аз ҳаштоду ду ҳазор (82 000) ва ба қавле бештар аз панҷсад ҳазор (500 000) масъала мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Тақрибан бештар аз нисфи ин маҷмӯаро қонунҳо ва масоиле ташкил медоданд, ки дар замони ҳаёти Абуҳанифа (рҳ) ҳанӯз ба вуқӯъ напайваста буданд ва ин маҷмӯаи азимро дар илми аҳкомшиносӣ ба фиқҳи тақдирӣ ва ё қонунҳои эҳтиётӣ ном мебаранд.

Яке аз равишҳои кори имом Абуҳанифа (рҳ) ва маҷмаи конунгузории таъсисдодаи ӯ ин буд, ки масоил ва ҳаводисеро, ки ҳанӯз ба вуқӯъ напайваста буданд, ба таври назариявӣ мавзӯъбандӣ, коркард ва баррасӣ менамуданд ва тамоми онҳоро низ дар ҳамон маҷмӯа китобат мекарданд. Онҳо, ҳамин тавр, аз замони худ асрҳо ва ҳазораҳо пешӣ гирифтанд ва роҳи берун омадан аз мушкилот ва тарзи ҳалли масоили зиёдеро пеш аз вуқӯъ пешбинӣ ва муайян намуданд.

*** ***

Китоб, суннат, иҷмоъ ва қиёс асоси иҷтиҳодоти мазҳаб ва умуман, фиқҳи аҳли суннатро ташкил медиҳанд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) дар асоси далелҳои чаҳоргона тамоми масоилро аз матни шариат истихроҷ (берун ва коркард) намуда, фиқҳро дар чорчӯби бобҳо, фаслҳо ва гурӯҳҳо дастабандӣ ва тадвин намуд.

Мактаби Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) (в. 32, 33ҳ.) ва ёронаш, довариҳои Алӣ ибни Абутолиб (рз) (в.40ҳ.), Шурайҳи қозӣ ва Шаъбӣ, ҳамчунин фатвоҳои Иброҳим, ки ҳама дар Куфа сурат гирифтаанд, сарчашмаи ҷӯшони мазҳаби Имом (рҳ)-ро ба вуҷуд оварда, онро дар усулу

[1] Табаатобеин насли сеюми уммат дар садри аввал мебошанд, ки бевосита ба дасти тобеин – насли дуюм парвариш ёфтаанд. Тобеин насли дуюми уммат ҳастанд, ки ба дасти саҳобагони киром ба камол расидаанд ва саҳобагон насли аввали умматро ташкил дода, тарбиятёфтагон ва шогирдони бевоситаи расули акрам (с) мебошанд.

Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки имом Абуҳанифа (рҳ) аз ҷумлаи тобеин – насли дуюми уммат мебошад ва ӯ чанд нафар саҳобаи расули акрам (с)-ро дидааст.

[2] Китоби «ал-Усул» ё «ал-Асл», ки дар он масоили фиқҳӣ зери назари имом Абуҳанифа (рҳ) сабт шудаанд, мафқуд ва имрӯз чизе аз он дар дастраси ҷомеаи исломӣ қарор надорад. Аммо китобе бо номи «ал-Асл», ки ба «ал-Мабсут»-и имом Муҳаммад (рҳ) маъруф аст, бори нахуст бо эҳтимоми раиси кумитаи «Эҳёи маорифи нуъмонӣ» Абулвафои Афғонӣ дар Ҳайдарободи Дакан (Ҳинд) ба нашр расида, ки имом Муҳаммад (рҳ) матолиб ва масоили дарҷшуда дар онро бевосита аз он китоби «ал-Усул» иқтибос ва бо тартиби наве бознависӣ кардааст.

фурӯъ тағзия ва сероб менамоянд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) мероси илмии Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз)-ро андӯхтааст. Ибни Масъуд (рз) бошад, дар канори ривоятҳои худ аз расули Худо (с) фиқҳи Умар ибни Хаттоб (рз) ва иҷтиҳодоти Алӣ ибни Абутолиб (рз)-ро гирд овардааст.

Имом Абуҳанифа (рҳ) мегӯяд: *«Бар амири муъминон Абуҷаъфар (халифаи аббосӣ) ворид шудам. Вай пурсид: Илмро аз кӣ гирифтаӣ, эй Абуҳанифа?. Гуфтам: Аз Ҳаммод, аз Иброҳим, аз Умар ибни Хаттоб ва Алӣ ибни Абутолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Абдуллоҳ ибни Аббос. Абуҷаъфар гуфт: Чӣ аҷаб! Ба он андоза, ки хоста будӣ, худро мутмаин ва муътамад сохтӣ, эй Абуҳанифа!».*[1]

Имом Абуҳанифа (рҳ) барои таҳкими пояҳои мактаби худ ду қоидаи асосӣ ва асли куллиеро бино ниҳодааст, ки ҳам барои мазҳаби ҳанафӣ ва ҳам барои фиқҳи исломӣ ба таври умум ҳамчун асос пазируфта шудаанд.

1) Аз ӯ ривоят шудааст: *«Вақте ҳадисе ба таври саҳеҳ собит гардид, он (яъне ҳамон ҳадис) мазҳаби ман мебошад».*[2] *Ҳамчунин ба ёрони худ фармуд: «Вақте далеле ба шумо расид, онро бипазиред ва таъйид намоед».*[3]

Воқеан ҳам, татбиқи ин қоида шоҳраги ҳаёт ва пешрафтҳои доимии мазҳаб дар асрҳои тилоии он ба шумор мерафт.

2) Аз имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёрони ӯ ривоят шудааст: *«Барои ҳеҷ касе фатво додан ба қавли мо ҳалол ва дуруст намебошад, то надонад, ки мо онро аз кадом сарчашма ва бо кадом далел гуфтаем».*

Вақте дар миёни мардум шоеъ гардид, ки гӯё имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёронаш қиёсро бар ҳадис тарҷеҳ медиҳанд ва мазҳаби фиқҳии онҳо, яъне усули коркард ва таснифи масоил дар мактаби онҳо бештар бар раъй ва афкори шахсии худи онҳо такя дорад, он ду қоидаро барои онҳо бозгӯ намуд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) на мактаби фиқҳии худро ба тарзи классик ва он чи машҳур буд, бино ниҳода[4] ва на шогирдонашро дар чорчӯби назари маҳдуд ва бар меъёрҳои маъмули ҳалқаҳои дарсӣ ва шогирдиву муридии он рӯзгор тарбият додааст, то ҳарчи ӯ бигӯяд, ҳама таслими он бошанд ва бе ҳеҷ гуна муҳокимаи илмӣ, назардиҳӣ ва нақди истидлолӣ онро бипазиранд.[5]

*** ***

[1] Қозӣ Абуабдуллоҳ Ҳусайн ибни Алӣ ас-Саймарӣ. Ахбору Абиҳанифата ва асҳобиҳи. – С. 68. – Бейрут: Оламулкутуб, 1985.

[2] Зафараҳмади Усмонӣ. Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 14, бахши сеюм.– Бейрут, 1997. – С. 280. Минбаъд: Эълоу-с-сунан.

Имом Бурҳонуддин Абулмаъолӣ Маҳмуд ибни Садрушшариат ибни Мозаи Бухорӣ, Муҳити Бурҳонӣ, муқаддима. – Ҷ. 1. – С. 51. Минбаъд: Муҳити Бурҳонӣ.

Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз маъруф ба Ибни Обидин. Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – С. 17. Минбаъд: Расму-л-муфтӣ.

[3] Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз маъруф ба Ибни Обидин. Радду-л-муҳтор бар Дурру-л-мухтор. – Ҷ. 1. – С. 154. Минбаъд: Радду-л-муҳтор; Расму-л-муфтӣ. – С. 17.

[4] Мазҳаби имом Молик (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) асосан бар пояи андешаҳои фиқҳӣ, назароти иҷтиҳодӣ ва фатвоҳои он ду имоми бузург таъсис ёфтааст, дар ҳоле ки дар мазҳаби имом Абуҳанифа (рҳ) масоил ба муҳокимаи шӯрои нухбае аз шогирдонаш гузошта ва пас аз иттифоқи назари онҳо ба унвони назари мазҳаб қабул мешуданд.

Гоҳе муҳокима ва гуфтугӯи онҳо дар як масъала чандин шабонарӯз ё моҳе ба дарозо мекашид ва чун онро пурра баррасӣ мекарданд, Абуюсуф (рҳ) онро дар китоби сабти масоил қайд мекард ё Имом (рҳ) ба яке аз ҳайати котибот мегуфт, ки онро дар фалон боб дарҷ кун! Аз ҷумла дар масъалаи ҳайз се рӯз ба муҳокима нишастанд ва дар рӯзи ахир ҳама такбир гуфтанд ва ин эълони он буд, ки масъала ба даст омад ва ҳал шуд. Шабе имом Абуҳанифа (рҳ) аз намози хуфтан берун омад, дар ҳоле ки кафш (пойафзор)-аш ба дасташ буд, ки имом Зуфар (рҳ) дар масъалае ба вай муроҷиат кард. Онҳо ҳамчунон қадам мезаданд ва онро бо масоили дигар қиёс мекарданд, то он ки азони намози бомдод дода шуд. Ҳар ду ба масҷид баргаштанд ва пас аз намоз боз ба он масъала руҷӯъ карданд, то дар ниҳоят дар қавли Абуҳанифа (рҳ) қарор гирифт (Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 56).

[5] Аз шоҳиди иёне ривоят шуда, ки рӯзе ҷавоне назди Абуҳанифа (рҳ) омад ва масъалаеро аз вай пурсид. Ӯ масъаларо ҷавоб дод. Ҷавон гуфт: Эй Абуҳанифа, хато кардӣ! Каме хомӯш истод ва масъалаи дигаре аз вай пурсид ва Имом (рҳ) онро низ ҷавоб дод. Он ҷавон боз гуфт: Эй Абуҳанифа, хато кардӣ! Ба ёрон ва атрофиёнаш гуфтам: Субҳоналлоҳ, оё ин шайхро бузург намедоред ва эҳтиром намекунед!? Кӯдак ё ҷавоне меояд ва ӯро тахтиа мекунад (ба хато нисбат медиҳад) ва шумо хомӯш нишастаед! Абуҳанифа (рҳ) ба ӯ нигарист ва гуфт: Онҳоро бигузор, ман худам онҳоро ба ин кор одат додаам! (Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 54). Ин равиши пурсуҷӯ ва бархурди бузургворонаи имом Абуҳанифа (рҳ) барои сайқал додани истеъдодҳо, халлоқ сохтани нубуғи зеҳнӣ ва тақвияти малакаи илмӣ дар шогирдонаш сурат мегирифт ва он ҳаргиз ба маънои бемаҳобат ва бевақор будани имом Абуҳанифа (рҳ) нест.

Балки имом Абуҳанифа (рҳ) ҳаракати илмие ба роҳ андохта буд, ки парвардагони мактабаш бо дилҳои вораста ва андешаҳои фарогир дар уқёнуси илмҳои шариат шино мекарданд. Истеъдодҳои худодод дар онҳо ба камол расида, нерӯи таҳлилу арзёбиашон дар тамоми масоил ба бор нишаста буд. Имом (рҳ) тариқаи истихроҷ ва берун кашидани нуҳуфтаҳои илмии ҳар донишмандеро аз аъмоқи рӯҳаш ба онҳо омӯхта буд. Онҳо бархоста аз чунин пойгоҳи илмие бо устоди худ, бо риояи одоби эҳтиром ва дарки ҷойгоҳи баланди пешвоӣ нисбат ба устодашон, дар бисёре аз масоили асливу фаръӣ ба мунозира ва гуфтугузори илмӣ мепардохтанд.

Аз Абуюсуф (рҳ) рӯзе пурсида шуд: *«Чаро дар ин мавзӯъ бинобар назари Абуҳанифа (рҳ) ҳукм намудӣ, дар ҳоле ки қаблан дар ҳамин масъала бо ӯ мухолиф будӣ? Гуфт: Мо бо ӯ ба ин хотир мухолифат мекардем, то макнуноти илмӣ ва нуҳуфтаҳои замирашро берун оварем»*.

Боре пас аз хулосаи маҷлис ва муайян гардидани нуқтаи назари тамоми аҳли нишаст дар масъалае диданд, ки яке аз шогирдон ба номи Офияти Авдӣ ҳузур надорад, имом Абуҳанифа (рҳ) фармуд: *«Мавзӯъро набандед, то назари Офиятро низ дар он бишнавем»*.

Имом Абуҳанифа (рҳ) ҳангоми таълими парвардагони боргоҳаш равишҳоеро ба кор мебурд, ки дар сохтани шахсияти инсонӣ, шукуфоии истеъдодҳои илмӣ ва расиши нубуғи фикрии онҳо натиҷаҳои худро доданд. Вай гоҳе пас аз матраҳ намудани масъалае яке аз эҳтимолоти мавзӯъро бо бурҳону далел баён мекард. Сипас назари онҳоро дар он мавзӯъ мехост. Вақте медид, ки онҳо хомӯш нишастаанд ва ҳеҷ гуна илова ва нақзе дар он надоранд, эҳтимоли дуюми масъаларо бо санадҳои дигаре баён медошт. Сипас фикри онҳоро дар он мепурсид. Чун онҳо чизе намегуфтанд, эҳтимоли дигари онро матраҳ ва бо санаду далел иброз медошт. Он гоҳ пас аз гирифтани назари онҳо дар он мавзӯъ яке аз он эҳтимолотро бар дигараш тарҷеҳ медод.

Имом Абуҳанифа (рҳ) зиёда аз ҳафтсаду сӣ шогирди варзида ва дар сатҳи болои илмӣ ба камол расонидааст. Аз он миён чаҳор нафари онҳо шуҳрати ҷаҳонӣ ёфта, ду нафари онҳо – Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) ба мартабае аз илму маърифат расида буданд, ки ба унвони «Имомайн» ва «Соҳибайн» шинохта мешуданд.

Парвардагони мактаби он ҳазрат (рҳ), ба хусус ду шахсияти забардасти онҳо – Имомайн, ба мақоме расида буданд, ки бисёре аз донишмандони он рӯзгор онҳоро пешвоёни мустақил, имомони асосгузор ва саромади замон, ба монанди имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва дигарон медонистанд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) дар қалбу андеша ва замири шогирдон рӯҳ ва нафхае дамид ва аз онҳо мардоне сохт, ки пас аз андак муддат зимоми ҷомеаи худро дар даст гирифтанд ва аз шарорати нафси ҳокимон то андозае костанд. Имом (рҳ) вақте Абуюсуф, Муҳаммад, Зуфар, Ҳасан ва дигаронро ба оғӯши мактаби худ кашид, ба ҳақ, илҳомшуда ва аз нуҳуфтаҳои шахсияти онҳо огоҳ буд. Вай онҳоро падарвор ва ҳамчун маҳбубтарин фарзандонаш тарбия ва парвариш намуд. Исом (рҳ) мегӯяд: *«Он ҳаққе, ки Абуҳанифа (рҳ) бар ёрони худ дорад, ҳеҷ касе бар дигаре надорад. Ӯ пашшаеро намегузошт бар онҳо бинишинад»*.[1]

Абуюсуф (рҳ) низ борҳо ба мақоми баланди Имом (рҳ) дар дилҳояшон ишора намудааст. Вай мегӯяд: *«Ман қабл аз падару модарам барои ӯ дуо мекунам, дар ҳоле ки ӯро шунидам, ки мегуфт: Ман барои (устодам) Ҳаммод (рҳ) ҳамроҳи падару модарам дуо мекунам»*. Боз мегӯяд: *«Худованд Абуҳанифаро дар сояи раҳматаш қарор диҳад ва ӯро подоши хайр диҳад. Зеро ӯ таъми*

Ин дар ҳолест, ки толибилмон ва шогирдон дар маҳзари дарси устодони худ ва дигар бузургони он рӯзгор бо маҳобат ва вақори хосае ҳузур меёфтанд ва ҷуръати пурсиш ва саволи зиёдеро аз онҳо надоштанд. Мас., имом Молик (рҳ) ба андозае назди шогирдонаш маҳобат дошта, ки саволдиҳанда метарсид ӯро аз сабаб ё далели масъала бипурсад ва касе дар маҷлиси вай садояшро баланд намекард. Соли 174 ҳ. вақте халифа Ҳорунаррашид ва имом Абуюсуф (рҳ) ба ҳаҷ рафтанд ва дар Мадина ба ҳузури имом Молик (рҳ) расиданд, фақеҳон дар маҷлиси онҳо ба мунозира ва баҳс пардохтанд. Ҳорунаррашид ба имом Молик (рҳ) гуфт: Бо Абуюсуф мунозира ва баҳс кун! Имом Молик (рҳ) онро барои худ муносиб надонист ва ба Ҳорунаррашид гуфт: Он ҷо ҷавонони курайшие аз шогирдони мо ҳастанд, ки ҳоҷати Амири муъминонро бароварда месозанд! (Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 139–140).

[1] Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 100.

дунёву охират ҳар дуро ба ман чашонид».[1]

Имом Абуҳанифа (рҳ) боре ба Абуюсуф (рҳ) гуфта буд: *«Ман туро қозие дар оянда мебинам».*[2]

Имом Абуюсуф (рҳ) пас аз вафоти устодаш дар аҳди се халифаи аббосӣ – Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорунаррашид вазифаи қазо (қозигӣ)-ро дар даст дошт. Дар даврони Ҳорунаррашид ба мақоми қозиюлқузоти дорулхилофат даст ёфт.[3] Вай ба қалбу рӯҳи халифа ба ҳадде наздик гардид, ки дигар халифа ба унвони устод барояш хидмат мекард, ҳатто савори шутураш бар халифа ворид мегашт. Дар намозҳо имом ва дар мавсими ҳаҷ раиси ҳоҷиён буд ва халифа Ҳорунаррашид ба ӯ иқтидо мекард. Боре ӯ ҳамроҳи халифа ҳаҷ мекарданд ва писараш Юсуф раёсати ҳоҷиёнро бар уҳда дошт. Халифа Ҳорунаррашид боре бо ишора ба пешгӯии имом Абуҳанифа (рҳ) фармуд: *«Қасам ба ҷонам, ки илм дину дунё ҳар дуро баланд мебардорад».* Сипас бар имом Абуҳанифа (рҳ) раҳмат фиристода гуфт: *«Ӯ бо чашми ақлаш чизеро медид, ки ба чашми сар дида намешавад».*[4]

Вақте Абуюсуф (рҳ) вафот кард, халифа Ҳорунаррашид бар вай намоз кард ва ӯро дар гӯристони қурайшиҳо, дар ҷое, ки баъдҳо фарзандаш Амин (170–198 ҳ./787–813 м.) ва ҳамсараш Зубайда (в. 216 ҳ./831 м.) дафн гардидаанд, ба хок супорид.

Ростӣ, Абуюсуф (рҳ) роҳи нуфуз ва ҷовидонагиро барои мактаби устодаш – мазҳаби ҳанафӣ кушод ва имом Муҳаммад (рҳ) онро ҷовидона сохт.

Имом Муҳаммад (рҳ) аз соли 158 то 169-уми ҳичрӣ бо супорише аз ҷониби халифа Маҳдӣ сокини Мадина гардид. Вай дар ин муддат аз имом Молик ибни Анас (рҳ) – имоми дори ҳичрат (95-179ҳ.) илми ҳадисро омӯхт ва «Муваттаъ»-ро аз ӯ ривоят намуд, ки он беҳтарин ва муътабартарин ривоятҳои «Муваттаъ»-и имом Молик (рҳ) ба шумор меравад.[5]

Имом Шофеъиро (150-204ҳ.) бо туҳмати гароиш ба ташайюъ ба муҳокимаи халифа Ҳорунаррашид оварданд ва имом Муҳаммад (рҳ) барои нақлоти вай талошҳои зиёде намуд. Бо ҳамин дар миёни онҳо робитаи дӯстӣ барқарор гардид ва ӯ мақзуб (шефта)-и таълимоти имом Муҳаммад (рҳ) гашт. Имом Шофеъӣ (рҳ) дар васфи имом Муҳаммад (рҳ) мегӯяд: *«Ҳеҷ кас дар илм он некӣ ва эҳсонеро, ки Муҳаммад бар ман гузоштааст, наниҳода».* Боз мегӯяд: *«Ҳар гоҳ Муҳаммад ба баёни масъалае мепардохт, гӯӣ қуръонест, ки фуруд меояд. Ҳеҷ ҳарферо муқаддам ва муаххар намесохт»*[6].

Имом Шофеъӣ (рҳ) китобҳои Муҳаммад (рҳ)-ро хонд ва фиқҳи ӯро бардошт ва аз он роҳ фиқҳи Абуҳанифа (рҳ) ва гузаштагонро аз бар намуд. Аммо худи имом Муҳаммад (рҳ) ин нухбаи парвардагони Абуҳанифа (рҳ) бошад, аз илми имом Молик (рҳ) сероб мегардад. Имом Шофеъӣ (рҳ) дар навбати худ он мероси гаронбаҳоро ба имом Аҳмад ибни Ҳанбал (164-241 ҳ.) интиқол медиҳад. Дар ин ҷо, чуноне мушоҳида мегардад, ҳар чаҳор мазҳаби фиқҳӣ бо ҳам пайванд хӯрдаанд.

Имом Муҳаммад (рҳ) соли 189 ҳ. дар деҳаи Ранбуя аз тобеоти шаҳри Рай дар аснои сафаре, ки халифа Ҳорунаррашид бо он ҳамроҳ буд, даргузашт. Дӯсти ӯ – забоншиноси маъруфи араб Кисоӣ низ дар ҳамон сафар даргузашт. Пас аз дафни онҳо халифа фармуд: *«Имрӯз фиқҳ ва луғат (забон) ҳар ду (бо соҳибонашон) мадфун гардиданд».*[7]

Имом Абуҳанифа (рҳ) пеш аз он ки саромади фақеҳон ва ягонаи муҷтаҳидон бошад, олими тавоно ва донишманди забардасти илми калом низ буд. Дар баҳсҳои фалсафӣ ва мунозира бо тоифаҳои даҳрӣ, бероҳ ва ғайра фаъолона иштирок намуда, ҳамеша бар онҳо дасти ғолиб дошт. Чи қадар аз поафтодагони гумроҳ пас аз шунидани суханони Имом (рҳ) ба ҷодаи ҳақ ҳидоят меёфтанд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) на танҳо файласуф ва бузургтарин фақеҳи рӯзгори худ буд, балки яке аз парҳезгорони муттақӣ ва дар айни ҳол марди огоҳ аз сиёсати он рӯзгор ба шумор мерафт.

---

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Ҳамон ҷо. – С. 104.

[3] Имом Абуумар Юсуф ибни Абдулбарри Намирии Қуртубӣ маъруф ба Ибни Абдулбарр. Ал-Интиқо. – Бейрут. – С. 173.

[4] Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 104

[5] Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 14, бахши сеюм. – С. 265. Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – С. 109.

[6] Ҳамон ҷо. – С. 110.

[7] Ҳамон ҷо. – С. 112.

Дар канори ғановати мактаби фиқҳӣ ва машғулияти шабонарӯзияш дар тарбияи зубдае (элитае) аз шогирдон, ибодати Худо ва дигар аъмоли нек рӯҳу андешаи ӯро ҳаловат ва гармӣ мебахшид. Ҳамасола дар моҳи Рамазон Қуръонро борҳо хатм мекард. Ҳар сол ба ҳаҷ мерафт. Дар ҳафтод соли умри муборакаш панҷоҳ бор ба ҳаҷ рафтааст. Илова бар ин талошҳои илмӣ ва ҳаёти саршор аз ибодат ҳеҷ кас аз хонаи ӯ бенаво бар намегашт.

Вусъати гунҷоиши қалби ӯ ҳамаро фаро гирифта буд. Ӯ ҳамеша мегуфт: *«Худовандо, ҳар кӣ дилаш аз мо ба танг омадааст, мо ӯро дар дилҳои худ ҷой додаем»*. Агар ӯро ба файласуфе чун Афлотун муқоиса намоем, мебинем, ки вай бар дари мактабаш навишта буд: *«Ҳар кӣ ақли ҳандасӣ (геометрӣ) надошта бошад, ба назди мо наояд»*.[1]

Бузургӣ ва ҷанбаҳои гуногуни шахсияти Имом (рҳ) тамоми ҷомеаро дар се бахш: мардумӣ, сиёсӣ ва илмии он фаро гирифта буд ва мардум ӯро ба ҳақ, бузургтарин имом (Имоми Аъзам) ва қаҳрамони озодиву самоҳат (осонгирӣ ва нармӣ) дар ислом номида буданд.

Ҳатто дар бораи ақидаи тавҳид ва усули эътиқодот дидгоҳҳои имом Абуҳанифа (рҳ) аз он чи имрӯз ба номи ақидаи ашъарӣ ва мотуридӣ шинохта мешавад, фарқ доранд, ҳамон гуна ки равиши эшон дар тарҳи масоили эътиқодӣ аз равиши мутааххирин дар баррасии ин масоил фарқ мекунад. Назари Имом (рҳ) дар робита ба тавҳиди улуҳият, сифоти зот, сифоти феъл ва бахшҳои дигари ақида ҳамон назари саҳобагони киром, тобеин ва ҷумҳури уламои аҳли суннат – қабули зоҳири нас(с) ва адами таъвили он мебошад, ҷуз дар мавридҳои башуморе, ки таъвили онҳо ё дар худи нусуси шаръ ва ё гуфтаҳои бузургони он давра омадааст.[2]

[1] Ҳамон ҷо. – С. 76.

[2] Гуфтанист, ки ақидаи гузаштагон ва салафи солеҳи уммат дар садри ислом аз ду сарчашма: китоби Худо ва суннати расули акрам (с) бархоста ва таҳдоби он бо далоили он ду саргаҳи файз бино ниҳода шудааст. Ақида ва шинохтҳои тавҳидӣ асли аввали динро ба вуҷуд оварда ва асли дуюм, ки аз аҳкоми шариат иборат аст, бар он зербинои эътиқодӣ устувор гардидааст. Имом Абуҳанифа (рҳ) ва ҳалқаи нахустини шогирдонаш, ба хусус имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) аз акобири насли сеюми уммат ба шумор мераванд ва дар ақвол ва ифодоти эшон намои комиле аз низоми эътиқодии ислом таҷассум ёфтааст. Рисолаҳои каломии имом Абуҳанифа (рҳ), аз қабили «Фиқҳи акбар», «Фиқҳи абсат», рисолаи «Васият» ва ғайра аз нахустин таълифот ва осори илмие ҳастанд, ки ба таври мустақил дар бораи низоми эътиқодии аҳли суннат ва маҷмӯабинои тавҳид дар ислом навишта шудаанд.

Дар нимаҳои дуюми асри ду ва дар асри сеюм ва чаҳоруми пас аз ҳичрат ҷараёнҳои фикрӣ, равияҳои каломии ақлгаро ва мактабҳои эътиқодие бо рӯйкарди хосе аз бардоштҳои динӣ, ба хусус пайравони мактаби эътизол бо истифода аз фазои бози исломӣ ва таҳаммулпазирии мусулмонон дар баробари ақидаи аҳли суннат ба шиддат ба мубориза пардохтанд ва ба нуфузу иқтидори сиёсӣ даст ёфтанд. Ин ҷо буд, ки гурӯҳе аз нухбагони фикрӣ, мутафаккирони барҷаста ва диншиносони варзидаи ҷаҳони ислом, ба монанди Абулҳасани Ашъарӣ (ваф. 324 ҳ./935 м.), Абумансури Мотуридӣ (ваф. 333 ҳ./944 м.) ва дигарон ба ҳимояи ақидаи аҳли суннат бархоста, ба шубҳаҳо, ибҳомот ва эродҳое, ки аз сӯи пайравони он мактабҳои фикрӣ ба онҳо доман зада ва дар байни мардум тарвиҷ мешуданд, бо далелҳои мантиқӣ ва бароҳини ақлӣ посух медоданд.

Ин пешоҳангони андешаи исломӣ ба ишколоти эродномудаи пайравони он мактабҳои фикрӣ аз боби ҳамсайрӣ бо хасм бештар ба ҳамон силоҳи илмие, ки худи онҳо ба кор мебурданд – далелҳои мантиқӣ ва бароҳини ақлӣ – посух медоданд. Зеро дар назди пайравони он мактабҳои фикрӣ бароҳини ақлӣ ва далоили мантиқӣ асл ва далоили қуръонӣ бар асоси таҷвизи ақл устувор буд.

Аммо ин ҳаргиз ба маънои он нест, ки ҳомиёни ақидаи аҳли суннат ба далоили қуръонӣ ва бароҳини динӣ дар бораи тавҳид эътиное намедоданд, балки мантиқи мунозара бо ҷониби ҳамбаҳс тақозо мекард, ки ӯро бо ҳамон равише қонеъ созанд, ки дар назди вай қобили қабул бошад.

Ин мавқеъ ҳатман аз онҳо талаб мекард, ки барои наздиктар сохтани мафоҳими динӣ, ба хусус матолиби илми тавҳид ба зеҳнияти шунаванда ва ҳифзи андешаи мардум аз шакку шубҳа бештар аз табақаи салаф ба таъвили баъзе мафоҳими тавҳидӣ ва нусуси динӣ дар бораи сифоти Худованд ва дигар муташобеҳот рӯй оваранд. Ҳамин мавқеъ ва шеваи бархӯрд бо нусуси динӣ дар бораи сифоти Худованд ва муташобеҳот равиши мутааххиринро дар илми калом ва ё риштаи тавҳид ба вуҷуд овард.

Шоёни зикр аст, ки таъвили баъзе нусуси динӣ дар гуфтаҳои расули акрам (с) ва ақволи салаф низ вуҷуд дорад, вале аҳли салаф домани таъвилро ба ҳамон марзҳое, ки дар Китоб, Суннат ва ақволи бузургони садри ислом омадааст, маҳдуд медонанд ва дар дигар мавридҳо нусусро тибқи далолати зоҳири онҳо дониста, чигунагӣ ва кунҳи воқеияти онро ба Худо вомегузоранд. Табақаи мутааххирин бошанд, бо истинод ба ин ки асли таъвил дар дин вуҷуд дорад, онро таъмим бахшида, ба таври васеътаре аз он истифода кардаанд. Ҳамин аст он тафовути равиши (методӣ)-е, ки дар байни ақидаи аҳли салаф ва табақаи мутааххирин вуҷуд дорад.

Пас воқеияти таърихӣ ин аст, ки равиши мутааххирин дар бархӯрд бо масоили илми тавҳид бар таҳдоби

мактаби ақидатии аҳли салаф поярезӣ шудааст, вале дар он аз таъвил ва таҳлилҳои ақлӣ ба таври васеъе истифода шудааст, на баръакс.

Равиши имом Абуҳанифа (рҳ) дар тарҳи масоили эътиқодӣ ҳамон равиши Қуръон ва Суннат – бархоста аз фарҳанги исломӣ мебошад, дар ҳоле ки ин амр дар равиши мутааххирин то ҷое бо илми калом омехта ва шакли фалсафӣ ба худ гирифтааст. Илми каломи исломӣ дар замони имом Абуҳанифа (рҳ) ҳанӯз бар меҳвари Қуръон ва дар доираи фарҳанги исломӣ мечархид, вале он баъдҳо пас аз наҳзати тарҷима дар замони Маъмун – халифаи аббосӣ бо фалсафаи Юнони бостон даромехт ва зери таъсири он қарор гирифт. Ин сухани имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи каломе, ки мардум дар он замон дар бораи араз, ҷавҳар ва ҷисм ба вуҷуд оварда буданд: *«Инҳо мақолоти фалосифа ҳастанд. Шумо осор ва тариқаи салафро бар худ лозим ва аз ҳар амри навпайдое (дар дин) канора гиред, ки он бидъат аст!»* (Шаҳронӣ, Абдулваҳҳоб ибни Аҳмад. ал-Мизон. – Ҷ. 1. – С. 208. – Бейрут: Оламулкутуб, 1989), иҷтиноби комили ӯро аз корбурди равиши фалосифа ва пайравии мутлақи ӯро аз Китоб ва Суннат дар баррасии масоили эътиқодӣ ба хубӣ бозгӯ менамояд.

Шоёни зикр аст, ки тарҷимаи осори фалсафӣ ва таълифоти илмии тамаддунҳои бостон ҳанӯз пеш аз шурӯъи наҳзати тарҷима дар давраи Маъмун ва тибқи баъзе ривоёти таърихӣ, аз авохири аҳди умавиён ба сурати рехтаву пароканда ва ба таври ғайри равишманд оғоз ва ба баъзе ҳавзаҳои фарҳангии ҷаҳони ислом роҳ ёфта буданд. Ба ғайр аз муътазилиёни аввал ва асосгузорони мактабҳои ақлгаро дар ҷаҳони ислом нухбагони фикрии он давра, ба мисли имом Абуҳанифа (рҳ) ва ғ., аз назароти фалсафӣ ва истилоҳоти корбурдии онҳо огаҳии комил доштанд, чуноне сухани фавқ аз ӯ ба хубӣ ба он далолат дорад. Вале осори барҷоймонда ва таъсири он дар сохтори маърифатии қишрҳое аз ҷомеа бо он чи пас аз наҳзати тарҷима ба амал омад, қиёснопазир аст.

Нуктаи нозук ин ҷост, ки дар таълимоти фалсафаи Юнони бостон умури моваруттабиат ва ё метафизика ҷузъи мавзӯоти фалсафӣ ва ҷавлонгаҳи андеша ва нубуғи фикрии инсон ба шумор меравад ва Худо ва олами ғайб ба мисли ашёи моддӣ дар он мавриди таҳлилҳои фалсафӣ қарор мегиранд, дар ҳоле ки аз дидгоҳи фалсафаи қуръонӣ нубуғи фикрӣ ва андешаи фалсафии инсон барои дарки масоили ғайбӣ нокофӣ ва аз баёни он қосир ва оҷиз аст. Барои огаҳӣ аз умури ғайбие, ки дар маҷмӯатаълимоти ислом ба ҳайси асоси ақида ва таҳдоби арзишҳои эътиқодӣ матраҳ гардидаанд, тариқе болотар аз имконоти вуҷудии инсон – василаи илоҳие зарурат дорад, ки он ҳамон мишкоти ваҳӣ ва тариқи нубувват аст. Эрод ё таъне, ки аз сӯи бузургони ҷаҳони ислом дар гузаштаву ҳол аз фалсафаи Юнон ва мактабҳои фалсафии мутаассир аз он дар қаламрави фарҳанги исломӣ гирифта шуда, умдатан мутаваҷҷеҳи ин қисмати он (бахши моваруттабиа ё метафизика)-и он аст, на асли фалсафа, ки риштае аз улум аст. Зеро ислом ҳамеша ибтикороти фикрӣ ва андешаҳои фалсафиро, вақте дар қаламрави мавзӯъҳои марбут ба он сурат гирифта, бар асосҳои илмӣ мустанад бошанд ва ба мубоҳиса дар умури ғайбӣ ва ҳақоиқи моварои напардозанд, таъйид кардааст. (Барои касби маълумоти бештар дар ин мавзӯъ ба «Рисолаҳои имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи арзишҳои эътиқодии ислом» аз худи муаллиф муроҷиат шавад).

Бо ин ҳол, поягузорони равиши мутаххирин – Абулҳасани Ашъарӣ ва Абумансури Мотуридӣ – дар баъзе таълифот ва осори илмии худ ба ин воқеият ишора кардаанд, ки равиши бархӯрди салаф ба ин масоил авлотар ва ба саломати эътиқодӣ наздиктар аст (Абумансури Мотуридӣ. Китобу-т-Тавҳид. – С. 57. – Бейрут, 2006; Абулҳасан, Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ, ал-Ибона ан усули-д-диёна. – С. 46. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2005).

Бояд қайд кард, ки имом Абуҳанифа (рҳ) назароти каломӣ (ақидатӣ) ва мактаби фиқҳии худро қабл аз баргардон шудани афкор ва назароти мактабҳои фалсафии Юнон ба забони арабӣ ва интишор ёфтани андешаҳои онҳо дар олами ислом поягузорӣ карда буд.

Имом Абуҳанифа (рҳ) ба ҳақ, бунёдгузори тариқаи аҳли суннат ва баёнгари асосҳои эътиқодии он мебошад. Имом Абуҳанифа (рҳ) дар миёни уммати ислом роҳ ва тариқаеро аз худ бар ҷой гузошт, ки мусулмонон то абад мадюни хидматҳои ӯ дар соҳаҳои гуногуни илми фиқҳ, тавҳид, калом, худопарастиву тақво ва ғайра мебошанд.

*** ***

Афкор ва назароти мазҳаб бо сарпарастӣ ва роҳнамоии худи имом Абуҳанифа (рҳ) тадвин гардидаанд. Вақте пас аз баррасӣ ва омӯзиши паҳлӯҳои гуногун ва суратҳои ҳар масъала ба натиҷае мерасиданд, онро ё худи Абуюсуф (рҳ) ва ё яке аз котибони маҷлис дар маҷмӯае бо номи «Усул» қайд мекарданд. Абуюсуф (рҳ) баъзе афкор ва назароти мазҳабро дар чандин китоб, аз ҷумла «Амолӣ», «Осор», «Наводир» ва ғайра гирд овардааст, вале аввалин шахсе, ки нахустин донишнома (энсиклопедияи)-и мазҳабро тадвин намуд, имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, дуввумин шогирд ва ёри Имом (рҳ) мебошад.

Имом Абуюсуф (рҳ) агар халифа ва садри аввали мазҳаб пас аз ҳазрати Имом (рҳ) бошад, пас имом Муҳаммад (рҳ) муассиси дуюми он ба шумор меравад. Навиштаҷоти вай асос, донишнома, сухангӯи расмии мазҳаб ва китобҳояш асоси тамоми китобҳои тадвингардида дар фиқҳи ҳамаи мазҳабҳо мебошанд.

Кавсарӣ дар китоби худ «Булуғу-л-амонӣ» овардааст: *«Аз ҳеҷ донишманде аз табақаи Муҳаммад ибни Ҳасан ба андозаи китобҳои ӯ дар фиқҳ ба мо нарасидааст, балки китобҳои вай асоси тамоми китобҳои тадвингардида дар фиқҳи мазҳабҳо мебошанд. Илова бар қозиёни шаръ, чӣ қадар ҳуқуқшиносони пажӯҳишгар ба нашри китобҳои Муҳаммад ибни Ҳасан пардохтаанд. Зеро ҳама китобҳои ӯро ба ҳайси асоси китобҳои тадвингардида дар фиқҳи тамоми мазҳабҳо эътироф кардаанд»*.[1]

Аз ҷумла «Асадия», ки асли китоби «Мудаввана» дар мазҳаби моликиро ташкил медиҳад, дар партави китобҳои Муҳаммад (рҳ) таълиф гардидааст. Шофеъӣ (рҳ) низ китобҳои қадим ва ҷадиди худро пас аз фаро гирифтани фиқҳ ва китобат ва ҳифзи китобҳои имом Муҳаммад (рҳ) таълиф намудааст. Ибни Ҳанбал (рҳ) низ дар масоили гуногун аз китобҳои имом Муҳаммад (рҳ) ҷавоб мегуфт ва фақеҳон ва донишмандони баъдӣ низ ба ҳамон андоза аз китобҳои вай истифода намудаанд.[2]

*** ***

Донишмандон маҷмӯаи гаронбаҳои фиқҳи исломиро аз ҳайси муҳтаво ба чаҳор бахш: а) ибодот, б) муомалот, в) уқубот ва г) бахши одоб ҷудо кардаанд ва дар заминаи қонунгузорӣ бошад, онро ба ҳафт қисмат ва ё маҷмӯа тақсим намудаанд, ки зикри онҳо барои хонанда муфид ва зарурӣ аст. Фиқҳи хонавода, фиқҳи муомалот, аҳкоми кишвардорӣ ва фиқҳи сияр ҳама аз ҷиҳати муҳтаво як бахш ва фиқҳи уқубот як бахши дигари низоми фиқҳиро ташкил медиҳанд.

1. Фиқҳи ибодот

Дар ин маҷмӯаи аҳкоми фиқҳ робитаи банда бо Худо ва тарзи ибодат ва муносибати вай бо Парвардигораш муайян гардидааст. Бояд гуфт, ки такомули шахсияти инсонӣ ва ҷавҳари маънавиёти ӯ бар асоси таълимоти дини ислом бар рӯи ҳамин пойгоҳи бандагии Худо бино ниҳода шудааст. Ибодати Парвардигор ба маънои худсозии шахсияти инсон, поксозии он аз ҳар гуна ҳавову ҳавас ва дар масири камолот қарор додани вай мебошад.

Инсон бояд аз назари фикрӣ ва эътиқодӣ ба як сарчашмаи нерӯманде, ки ҳамон зоти Парвардигор аст, такя намояд ва ҷавҳари шахсияти худро дар чорчӯби таълимоти ҳаётбахши дини Ӯ бисозад. Ибодати Парвардигор пойгоҳи нерӯманде дар ботини инсон ба вуҷуд меоварад ва ӯро дар маҷрои зиндагӣ ҳадафмандӣ, пойдорӣ ва ҷиҳат мебахшад.

Ин ҳамон барномаи амалие мебошад, ки имрӯз илмҳои инсонӣ (гуманитарӣ), ба монанди илми равоншиносии муосир ва ҷомеашиносӣ дар ҳалли бухронҳои равонӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ ба чунин пойгоҳе дар замири инсон эҳсоси ниёз менамоянд ва нақси амалии барномаҳои таҷрибии худро дар ин замина дарк намудаанд.

Ин бахши фиқҳ аҳкоми намоз, закот, рӯза, ҳаҷ ва умуман, барномаи ибодатҳоро дар ислом дар бар мегирад ва чигунагии робитаи банда бо Худоро муайян месозад. Онро аҳком ва ё бахши ибодатҳо меноманд.

2. Фиқҳи хонавода (аҳволи шахсӣ)

Бахши дуюми фиқҳро аҳком ва муносибатҳои хонаводагӣ, ба монанди никоҳ, талоқ, идда, хулъ, нафақа, ширхорагӣ, мерос ва ғайра ташкил медиҳанд ва дар қонуни мадании ислом бинобар истилоҳоти имрӯза ба аҳволи шахсӣ (кодекси оила) ва ё ҳолатҳои шаҳрвандӣ шинохта мешавад.

3. Фиқҳи муомалот ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ

Дар ин маҷмӯаи фиқҳӣ ҳукми тамоми додугирифтҳо ва навъҳои гуногуни муомалоте, ки инсон дар зиндагӣ ба онҳо ниёз пайдо мекунад, муқаррар гардидааст. Ин бахш муомалоти тиҷоратӣ, иҷора, нигаҳдории амонат, ваколат, ҳавола, зироат, раҳн (гарав), даъвоҳои шаҳрвандӣ, бонкдорӣ ва амсоли онро дар бар гирифтааст ва ҳеҷ гӯшае аз зиндагонии инсон аз партави аҳкоми фиқҳ дар ин замина берун намондааст. Ҳамчунин дар ин бахш назарияҳои умумӣ дар мавзӯъҳои гуногуни муомалот мавриди омӯ-

[1] Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Булуғу-л-амонӣ фӣ сирати-л-имом Муҳаммад ибни-л-Ҳасани-ш-Шайбонӣ. – С. 62. – Қоҳира. Ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 1998; Умар ибни Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ маъруф ба Садру-ш-шаҳид. Шарҳи «Ҷомеъу-с-сағир». – С. 15. Ба нақл аз китоби «Булуғу-л-амонӣ». – Бейрут, 2006. – С. 60. Минбаъд: Шарҳи «Ҷомеъу-с-сағир».

[2] Булуғу-л-амонӣ фӣ сирати-л-имом Муҳаммад ибни-л-Ҳасани-ш-Шайбонӣ. – С. 62.

зиш қарор мегиранд.

Ин маҷмӯаро ҳамроҳи маҷмӯаи дуюм – аҳволи шахсӣ дар истилоҳоти ҳуқуқӣ ва тибқи қонунгузориҳои имрӯза қонуни маданӣ (кодекси граждани) мегӯянд. Ҳар чизе, ки ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳаёт ва кору фаъолиятҳои фардӣ, хонаводагӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон тааллуқ дорад ва ё дар зиндагӣ ба он ниёзе меафтад, дар ин бахш шомил мебошад, ҳатто муносибати инсон бо ҷанин, ки ҳанӯз дар шиками модар қарор дорад, ҳуқуқи ҳайвонот ва тарзи муносибати инсон ба табиат ва муҳити зист ба таври зебо ва фарогире дар он пешбинӣ ва баён шудааст.

4. Фиқҳи уқубот (ҷиноӣ)

Ин бахш қонунҳои ҷиноии фиқҳи исломиро дар бар мегирад ва барои ҳифзи амният ва таъмини назми иҷтимоии кишвар ба муҷозоти қонунии ҷинояткорон, дуздон, шаробхорон, ришвахорон, зинокорон ва умуман, одамоне мепардозад, ки ба гунае пешрафти кишвар, тартиботи ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ахлоқиро дар ҷомеа халалдор менамоянд. Ин бахш дар мароҷеи фиқҳӣ ҳудуд, уқубот, ҷиноёт ва таъзирот ва дар истилоҳи ҳуқуқии имрӯза қонун (кодекс)-и ҷиноӣ ё ҷазоӣ номида мешавад.

5. Фиқҳ ва ё аҳкоми кишвардорӣ

Ин бахш консепсияҳои давлатдорӣ, султаи ҳоким бар раъият, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои дуҷониба дар байни онҳо ва дигар муносибатҳои иҷтимоиро дар бар мегирад ва аҳкоми султонӣ ва ё сиёсати шаръӣ номида мешавад. Дар он салоҳиятҳои мақомоти идорӣ, мустақиллияти амалии судҳо ва мақомоти қонунгузор ва ҳамчунин меъёрҳои ахлоқии онҳо дар ҷараёни фаъолияти кориашон, яъне ҳам ҳуқуқҳои дастурӣ (конститутсионӣ) ва ҳам ҳуқуқҳои идорӣ (маъмурӣ)-и онҳо муқаррар гардидааст.

6. Фиқҳи сияр ва ё равобити байналмилалӣ

Бахши шашум равобити давлат ва тарзи муносибати ҳокими исломӣ бо давлатҳои ҳамсоя ва дигар кишварҳои дуру наздики дунё дар ҳолатҳои сулҳу ҷанг, танишҳои минтақавӣ, амнияти умумӣ ва ҳамчунин робитаҳои дипломатӣ, аҳдномаҳои ҳамкорӣ, қарордодҳои иқтисодӣ ва ғайри инҳоро бо дигар кишварҳо пешбинӣ ва ба танзим медарорад, Онро дар фиқҳи исломӣ ва назди фақеҳони пешин аҳкоми сияр ва дар истилоҳи ҳуқуқшиносии имрӯза қавонин, меъёрҳо ё ҳуқуқҳои байналмилалии умумӣ меноманд.

7. Фиқҳи қазоӣ

Ин бахш ба танзими корҳои қазо (судӣ) ва роҳҳои исботи аҳкоми қазоӣ сари кор дорад ва шароити марбут ба иҷрои мурофиаҳои қазоӣ ва меъёрҳои корӣ дар онҳоро муайян месозад. Ин бахшро дар фиқҳи исломӣ аҳкоми қазоӣ ва дар истилоҳи қонунгузориҳои муосир қонун (кодекс)-и мурофиавӣ меноманд.

8. Фарҳанги ахлоқ

Илова бар бахшҳои ёдшудаи фиқҳ, дар ҳавзаи фарҳанги исломӣ меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки ба танзими рафтори иҷтимоӣ, одоби муошират, фазоили аъмол ва умуман, ҳолатҳои маънавӣ ва муносибатҳои ахлоқии мардум мепардозад ва дар зимни аҳкоми барҷастае ҷомеаро мавриди ҳидоятҳои амалии худ қарор медиҳад. Аҳком ва арзишҳои марбут ба ин бахш гоҳе дар зимни аҳкоми фиқҳ ва ғолибан дар илми мустақилле бо номи илми ахлоқ ва одоби исломӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.[1]

Пас хуб возеҳ аст, ки фиқҳи исломӣ низоми ҳуқуқии рӯҳӣ ва маданӣ аст ва шариати ислом барои танзими умури дин ва дунё ҳар ду омадааст. Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқӣ (фиқҳӣ)-и ислом аз тамоми қонунҳои вазъӣ ва низомҳои ҳуқуқие, ки моҳият (характер)-и динӣ надоранд, ба куллӣ фарқ мекунад ва бар фарози аҳкоми маданӣ, ҷиноӣ ва тамоми бахшҳои он рӯҳи маънавиёт ва ҷавҳари диёнат ва тақво соя афкандааст.[2]

---

[1] Мустафо Аҳмад Зарқо. ал-Мадхалу-л-фиқҳию-л-омм. – С. 66, 67. – Димишқ. Минбаъд: ал-Мадхалу-л-фиқҳӣ; Фиқҳи манҳаҷӣ (тарҷимаи форсӣ, Муҳаммадазизи Ҳусомӣ ва Фарзоди Порсо). – Ҷ. 1. – С. 19, 20.

[2] Яке аз тафовутҳои асосие, ки миёни фиқҳи исломӣ ва қонунҳои вазъӣ вуҷуд дорад, ин аст, ки дар қонунгузории исломӣ ҷазои дунявӣ ҳамеша бо ҷазо ва азоби ухравӣ пайванд хӯрдааст. Бинобар ин, касе аз ҷазои дунявӣ бо сабаб ё василае раҳоӣ ёбад, ба ин маъно нест, ки аз ҷазо ва азоби ухравӣ низ наҷот меёбад. Дар ҳар масъалаи фиқҳие фақеҳон, ҳамон гуна ки дар бораи ҳукми таклифии он, ки ҳалол аст ё ҳаром, фарз аст ё мустаҳаб, ба ибрози назари фиқҳӣ пардохтаанд, дар бораи аҳкоми

Зеро қонун ва адаб (фарҳанг ва маънавиёт) ҳар ду воқеияти иҷтимоӣ ва иқтисодии миллатро тасвир намуда, муставои пешрафти зиндагӣ ва шуури ҷамъиятиро дар он ифода мекунанд. Дар ҳоле ки ҳадафи асосии қонун дар ҳаёт барпо намудани адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи мардум ва эҷоди тавозун дар байни манофеи фардӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, таҷрибаи чандинасраи миллатҳои мутамаддин амалан собит намуда, ки расидан ба ин ормони қонун бе такя бар фарҳанги нерӯманди динӣ ва маънавиёти боасолат имкон надорад.

Ҳар қонун ва низоми ҳуқуқие, ки аз асосҳои ахлоқӣ ва фарҳанги нерӯманди маънавӣ бебаҳра бошад, ҳамеша дар тавҷеҳи андешаҳо ва танзими ҳаёти иҷтимоии мардум ноком мемонад ва дар маъразӣ ҳилаву коршиканиҳои одамони зирак ва ҷинояткорони тезҳуш қарор мегирад. Пеши роҳи чунин бархӯрдҳои манфиро дар ҷомеа танҳо ба василаи тарбияи дурусти ахлоқӣ, имон ба Худо ва таҳкими андешаи охират метавон гирифт.

Ба гуфтаи Мустафо Зарқо, шариат ва қонунгузории исломӣ дар фарорӯи барномаҳои эътиқодӣ ва амалии худ асосан се ҳадафи ислоҳиро қарор додааст, ки ба тартиб яке пас аз дигаре таҳаққуқ меёбанд ва ҳар яке замина ва асоси зинаи баъдӣ ба шумор меравад:

1. Озодсозии фикру андешаи инсон аз қайду банди тақлидкорӣ, хурофотпарастӣ ва пучигароӣ аввалин ҳадафи дини ислом аст, ки онро аз тариқи ақидаи солим, имон ба Худо ва ба рӯзи охират, эҷоди тафаккури илмӣ ва роҳнамоии ақли башарӣ ба корбурди далелу бурҳон ба вуҷуд меовард. Барои ҳамин ислом бар зидди бутпарастӣ ва ширк дар суратҳои гуногунаш мубориза бурдааст, зеро он (бутпарастӣ) дар ҳақиқат, таназзули ақлӣ ва кӯрии басират ба шумор меравад.[1]

Ислом таҳдоби ақида – имон ба Худо ва ба рӯзи охиратро бар асоси бурҳони одии ақлӣ аз шавоҳид ва далоили кавн (олам) бино ниҳода ва дар ақидаи исломӣ ҳеҷ чизе вуҷуд надорад, ки бо ақл дар таоруз бошад, гарчи дар онҳо ахбор ва ҳақоиқи ғайбие ҳастанд, ки ҳикмати онҳо барои ақл пӯшида ва даркношаванда бошанд.

2. Ислоҳи ахлоқ, тазкияи нафс, тарбияи шахсияти афрод ва тавҷеҳи онҳо ба сӯи хайру некӣ, масъулиятшиносӣ ва ободкорӣ, то шаҳватҳо ва тамаъҳои нафсонӣ бар ақл ва воқиботи вай туғён накунанд. Ва ин амр бо мумораса ва анҷом додани ибодатҳои шаръӣ ва бовар ба савобу иқоби ухравӣ барои шахс ҳосил мешавад, зеро вайро ба ёди офаридгораш меоваранд ва пайвандашро ба Ӯ устувор месозанд.

3. Ислоҳи ҷамъият ва баланд бардоштани фарҳанги иҷтимоии мардум, ба сурате ки дар он назму тартиб, амнияти умумӣ, адолати иҷтимоӣ, озодиҳои муносиб ва каромати инсонӣ таъмин шаванд.[2]

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки шариати ислом бар се асос – ақидаи муттакӣ бар ақл, ибодати рӯҳӣ ва низоми комил ва фарогири ҳуқуқӣ ва ё қонуни танзимгари ҳаёти иҷтимоӣ бино ёфтааст.

*** ***

Бар ҳамин асос, дар баъзе масоил дар бахши қонуни мадании фиқҳи исломӣ ду эътибор – қазоӣ (ҳукми судӣ ва ба зоҳир) ва диёнатӣ вуҷуд дорад. Дар баъзе мавридҳо бар ҳасаби зоҳир шартҳо, коргузориҳо ва санадҳои собитсозандаи ҳақ фароҳам меоянд ва аз ҷиҳати қазоӣ (судӣ) ба нафъи шахсе, ки ин фурсат бароях фароҳам омадааст, ҳукм мешавад, вале дар асл ва аз рӯи диёнат ҷониби дигар ҳақ аст. Ин ҳолат вақте пеш меояд, ки шоҳидон бардурӯғ шаҳодат ва баёнот медиҳанд ё ҳуҷҷати калбакӣ тартиб дода мешавад ва ё бар асоси

вазъии он низ, ки саҳеҳ аст ё ғайри саҳеҳ, қобили иҷро аст ё не, сухан гуфтаанд. Ин аст, ки барои мардуми бодиёнат ба даст овардани ҳукме дар додгоҳ ба нафъи худ муҳим нест, магар пас аз он, ки замир ва виҷдони имониашон осуда гардад, ки он ҳаққе, ки додгоҳ ба нафъи онҳо ҳукм карда, ҳаққи шаръии онҳост.

[1] Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Ва аз онҳо сангинӣ ва он бандҳоеро, ки бар эшон буданд, фурӯ мегузорад…»** (Аъроф, 7: 157). Ин оят дар бораи аҳли Китоб, бахусус банӣ Исроил, нозил шуда ва мефармояд: **Онҳое, ки аз фиристода (ва) паёмбари уммӣ пайравӣ мекунанд, ки** (номи) **ӯро дар Таврот ва Инҷил навишта меёбанд ва ... ва аз онҳо сангинӣ ва он бандҳоеро, ки бар эшон буданд, фурӯ мегузорад** (бардошта месозад). Аксари муфассирон мурод аз сангинӣ ва бандҳо дар ин оятро аҳком ва таколифи пурмашаққате донистаанд, ки бар онҳо бор шуда ва ба сурати бандҳое ҳаёти эшонро аз ҳаракат боздошта буданд. Пас фурӯ ниҳодан ва бардоштани сангинӣ ва қайду бандҳо аз ҳаёти башар яке аз ҳадафҳои рисолати он ҳазрат (с) мебошад.

[2] ал-Мадхалу-л-фиқҳӣ. – С. 48, 49.

баъзе қарорҳо ва коргузориҳои судӣ муҳлати даъво ба поён мерасад ва соҳиби ҳақ наметавонад ҳаққи худро собит созад.

Дар чунин ҳолат, ки даъво зоҳиран ба нафъи шахсе ҳал мешавад ва роҳе барои исботи ҳақ бокӣ намемонад, шариат дар зоҳир ва аз рӯи қазо ҳукм мебарорад, вале ин аслро низ таъкид мекунад, ки агар дар ҳақиқат ва аз рӯи диёнат ҳақ ба ҷониби шахси дигар бошад, ин ҳукми судӣ ҳеҷ гоҳ онро барояш ҳалол намегардонад. Аҳкоми шариат бар ҳасаби зоҳир ва аз рӯи қазо бино ёфтаанд, вале он дар чунин мавридҳо ҳаргиз ҳаққи шахсеро барои шахси дигар ҳалол намегардонад. Пас он шахсе, ки даъво ба наъфи вай ҳал шудааст, метавонад онро бар ҳасаби ҳукми зоҳир тасоҳуб намояд ва ё аз рӯи диёнат онро рад кунад ва ба соҳиби аслиаш баргардонад.

Расули акрам (с) мефармояд: ***«Ман ҳам башар ҳастам ва вақте шумо ба назди ман даъво пеш меоваред, шояд якеатон ҳуҷҷатдонтар аз дигаре ва дар ин бора зиракtар бошад ва ман тибқи он чи мешунавам, барояш ҳукм мекунам. Пас барои касе чизе аз ҳаққи бародарашро ҳукм карда бошам, онро нагирад, зеро порае аз оташро барояш ҷудо намудаам»***.[1]

Дар боби аҳкоми хонавода низ мавридҳое пеш меоянд, ки аз рӯи диёнат эътибор (ҳукм)-е доранд, вале аз рӯи қазо ва дар додгоҳ ҳукми дигаре барои онҳо пешбинӣ шудааст. Вақте кор ба додгоҳ ва ба назди қозӣ бардошта шуд, дар ин ҳолат танҳо ҳукми қозӣ нофиз аст.

Муфтӣ дар шариат шахсияти мустақил ва ғайриқазоӣ аст, вай дар фатвои худ ҳар ду эътиборро дар назар мегирад ва метавонад дар баъзе масоил аз рӯи диёнат фатво диҳад,[2] вале фатвои ӯ ғайри илзомӣ аст, яъне моҳият (характер)-и машваратӣ ва иршодӣ дорад.[3] Вале қозӣ шахсияти қазоӣ (аз ҷумлаи ҳокимияти судӣ) буда, ҳукми вай илзомӣ аст, яъне моҳияти ҳукмӣ ва эътибори қонунӣ дорад. Аҳкоми содирнамудаи вай дар маҳдудаи додгоҳ илзомӣ ҳастанд, на фатво ва назароти ихтиёрӣ. Қозӣ дар додгоҳ, вақте ҳар ду ҷониби даъво ҳузур дошта бошанд, ҳаққи фатво доданро надорад, балки бояд пас аз таҳқиқи масъала дар бораи он ҳукме барорад.

Мас., шахсе ҳамсарашро ба хато талоқ кунад, ба ин тариқ, ки қасди гуфтани дигар чиз дошта, вале нохост ба забонаш лафзи талоқ ҷорӣ шавад, дар ин масъала аз рӯи диёнат талоқе воқеъ намешавад, зеро мард онро қасд накардааст, вале бар ҳасаби зоҳир ва аз рӯи қазо талоқ воқеъ мешавад. Вақте масъала ба назди муфтӣ бурда

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ. 2458, 6967, 7169; Саҳеҳи Муслим. 4448 (1713)-4.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 8. – С. 48.

[3] Муфтӣ (исми фоил) ба маънои фатводиҳанда ва дар истилоҳи уламои усул фақеҳи муҷтаҳид ва ҷомеи улуми динӣ аст, ки ба пурсишҳои мардум дар бораи нукоте аз қавонини исломӣ ва масоили фиқҳӣ ба таври ғайриилзомӣ изҳори назар мекунад ва раъйи худро, машҳур ба фатво, дар он иброз медорад. Муфтӣ дар нахустин марҳалаҳои зуҳури ислом аз донишмандони диншинос ва уламои соҳибназар дар масоили динӣ иборат буд, ки дар масоили фиқҳӣ дар партави дарки амиқи худ аз Қуръон ва Суннат изҳори назар мекард. Ва ин фаъолияти илмӣ-фиқҳӣ пас аз таъсиси мактабҳои фиқҳӣ табалвури бештаре ёфт ва ҷойгоҳи илмӣ ва мавқеи диншиносии вай дар ҷомеа тақвият шуд.

Муфтӣ дар гузашта, илова бар расидагӣ ба пурсишҳои фиқҳӣ ва ниёзҳои ҳуқуқии мардум, миёни қазо ва додгоҳ, ки вазифаи расмӣ ва ҳукмномаҳои содиркардаи он илзомовар буданд ва мадрасаҳои ҳуқуқӣ ва ҳалқаҳои дарси фиқҳ, ки дар онҳо мутолиаи матнҳои фиқҳӣ аз сӯи фақеҳони муҷтаҳид ба таври назарӣ сурат мегирифт, нақши миёна ва нуқтаи васлро ташкил медод, андешаҳои фиқҳӣ ва омӯзишҳои назарии он мактабҳоро ҳам дар миёни мардум ба сурати фатвоҳо ва назароти фиқҳӣ интишор медод ва ҳам ба додгоҳҳои қазоӣ ба ҳайси мушовири ҳуқуқӣ тавсия ва наздик мекард.

Гарчи пас аз ошноии ҷаҳони ислом бо қавонини мадании Ғарб дар ду-се асри ахир нақши муфтӣ дар баъзе ҷавомеи исломӣ ба ҳавзаи ҳуқуқи шахсӣ маҳдудтар гардид, вале аз он ҷо ки муфтӣ ғолибан ба сурати як омӯзгори динӣ, марди хирад ва посдори ахлоқ дар ҷомеа амал мекард, мардум ҳамчунон аз назароти динӣ ва фатвоҳои фиқҳии вай дар бораи маҷмӯаи васее аз амалҳои динӣ истифода мекарданд. Пас аз давраи истеъмор дар кишварҳои исломӣ намунаҳои фаъолияти тозае барои тадовуми нақши муфтӣ дар ҷомеа падид омад. Баъзе аз онҳо ба унвони муфтии давлат, қисмате ба ҳайси аъзои шӯроҳои машваратии рӯҳониён ё марказҳои фатво интихоб шуданд (Доиратулмаорифи ҷаҳони навини ислом (зери таҳрири Ҷон. Л. Испозито) [Esposito. John L. The Oxford Encyclopedia of the Modern Islamic World. 1955], тарҷимаи форсӣ бо таҳқиқ ва зери назари Ҳасан Торимӣ ва ҳамкоронаш. – Ҷ. 4, зайли моддаи «муфтӣ». – Теҳрон: Нашри китоби марҷаъ; нашри кунгура, 1388 ш.).

Шоёни зикр аст, ки фатво, қазо ва таълимоти назарияви фиқҳ дар ҳалқаҳои дарсӣ машғулиятҳо ва самтҳои корие ҳастанд, ки уламо ва фақеҳон ба омӯзиш, нашр ва татбиқи амалии қонунгузорӣ ва ҳуқуқи исломӣ мепардозанд, вале иҷрокунандагон ва омилони он – фақеҳ, муфтӣ ва қозӣ ҳарсе ба як доираи илмӣ – илми фиқҳ тааллуқ доранд ва аз ҳавзаи дарси он бархостаанд.

шавад, вай метавонад аз рӯи диёнат дар он ба воқеъ нашудани талоқ фатво диҳад, вале ҳамин ки масъала ба додгоҳ ва пеши қозӣ бардошта шуд, вай аз рӯи қазо ба талоқ ҳукм мекунад ва дигар онро бозпас гардонида намешавад.[1]

Фарқи фатво ва ҳукми қозӣ аз мавқеи додгоҳ низ дар он аст, ки фатво моҳияти тавсиявӣ ва ҷанбаи иршодӣ дорад, дар ҳоле ки ҳукми додгоҳ ва назари қозӣ эътибори ҳуқуқӣ ва ҷанбаи иҷроӣ дорад. Бинобар ин, баррасӣ ва таҳқиқи саволи матраҳгардида бо талаби ҳуҷҷат, шоҳид ва ғайра вазифаи муфтӣ набуда, аз салоҳиятҳои кори қозӣ ба шумор меравад.[2] Ҳамчунин фатво, ки ба маънои баёни дидгоҳи шаръӣ ва нуқтаи назари фақеҳ дар масоил аст, фарогири тамоми аҳкоми шариат – вуҷуб, ҳурмат, мубоҳият, надб, кароҳият ва сиҳҳату бутлон мегардад, дар ҳоле ки ҳукми қозӣ корҳои мубоҳ ва кароҳияти танзеҳиро дар бар намегирад, зеро анҷом додани мандуб ва ё тарки макрӯҳ аз назари шаръ ҷанбаи ихтиёрӣ доранд ва қозӣ наметавонад дар бораи онҳо ҳукми илзомие содир намояд.[3]

Вожаи фатво ҳосил ва ё исми масдар ва ба маънои ҷавоб додан ба саволе аст, ки дар бораи аҳком ва умури динӣ ва ё ғайри он матраҳ мегардад.[4] Ва дар истилоҳ ва корбурди рӯз ба таври умум ба маънои ҷавоб додан ба масоили динӣ – масоили эътиқодӣ, маънои аҳодис ва ғайри инҳо ва ба таври дақиқ дар ҷавоби пурсишҳое аз масоили амалии шаръ ба кор меравад.[5] Ин маъно дар се маврид ба кор рафтааст:

1. Фатвоҳои шаръӣ, ки ба таври умум аҳком ва таълимоти шаръро ба вуҷуд овардаанд ва аз тавсияҳои қуръонӣ ва омӯзаҳои суннати набавӣ иборатанд.

2. Фатвои умумии фиқҳӣ ва он ба ин маъност, ки фақеҳе дар бораи саволи умумие ё фарзи (тақдирӣ)-е ва ё тафсили аҳкоми фаръие ба масъала ҷавоб диҳад ва ба мавриди хос, ҳодисаи муайян ва ё шахсе ба хусус дахл накунад, мас., пурсида шавад, ки ҳукми масъала дар мавриди шахсе, ки ба занаш бигӯяд: «Туро сар додам, чист?», бе он ки ба шахси муайян ва ё ҳодисаи махсусе дар ҳаёти иҷтимоии мардум марбут гардад.

3. Фатвои ҷузъӣ, ки дар он фиқҳи куллӣ ва аҳкоми назариявии шаръ дар воқеаи муайян ва мавриди татбиқии хоссе дар ҳаёти амалии фарди мушаххас ба кор бурда мешаванд ва дар ҷавоби саволи матраҳшуда дар ин бора байн мегарданд, мас., пурсида шавад, ки фалонӣ (шахси муайяне) пас аз вафоташ миқдоре мол ва ҳамин тавр волидайн, ҳамсар, як писар ва

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 435; ал-Мадхалу-л-фиқҳӣ. – С. 67-69.

[2] Бо он ки фатво он эътибори илзомӣ ва лузумияти иҷроии қазо ва ҳукми додгоҳро надорад, вале метавон онро ба манзалаи василаи ҷанби (паҳлуи)-е барои таърифи мафҳуми расмии ҳуқуқи исломӣ донист. Марҷаияти фатво дар гузашта ҳамеша мустақил аз низоми қазоӣ амал мекард. Бо назардошти моҳияти иршодии фатво, марҷаияти динӣ ва диққати назари муфтиён дар масоили динӣ онҳо дар маҳкамаҳои Андалуси исломӣ ба ҳайси мушовирон (-и ҳуқуқӣ) фаъолият мекарданд ва бахши муҳимме аз шӯрои амирон ва хулафои он сарзаминро ташкил медоданд. Дар аввалин маҳкамаҳои Ҳинд низ дар аҳди истеъмори Британия ба унвони мавлавӣ ва мардони фозил ҳузур меёфтанд.

[3] Гарчи фатво аз назари марҷаияти қазоӣ, ҳудуди ихтиёроти қонунӣ ва қобилияти иҷроӣ дар муқоиса бо қазо (додгоҳ) ё назар ва ҳукми додгоҳ дар мартабаи поёнтаре қарор дорад, вале ихтиёроти амалӣ ва фазои фаъолияти фатво густардатар аз қазо аст. Зеро мавзӯоти диние, аз қабили ибодот (вазоифи динӣ ва таколифи шаръӣ), аз ҳавзаи ихтиёроти қазо ва маҳкамаи шаръ хориҷ ва ба доираи фаъолияти муфтиён тааллуқ мегиранд. Ин қисмат гарчи ба таври барҷастае дар матнҳои фиқҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта ва бахши муҳимме дар фиқҳи исломӣ ба шумор меравад, вале аз бозрасиҳои додгоҳӣ ва илзомоти қазоӣ берун аст ва дар он танҳо тақвои илоҳӣ ва фатво – нуқтаназароти фиқҳии муфтиён роҳрав ва раҳкушо мебошад.

[4] Калимаи фатво аз назари луғавӣ аз решаи «фато» ба маънои ҷавонӣ, тозагӣ, тароват, шаффофият ва вазоҳат (баён) баргирифта шуда ва ин маонии зимнӣ дар таърифҳои гуногуни он малмус аст, зеро ин фаъолияти фикрӣ ва талоши илмӣ ба фарҳанги исломӣ, бахусус мероси фиқҳии он, ҳамеша тароват, пӯёӣ ва қобилияти амали пайваста ато мекунад.

[5] Мафҳуми фатво дар оғози ислом дар фароянди пурсиш ва посухҳое ба манзури мубодила ё дарёфти маълумот дар бораи масоили динӣ падид омада, мавзӯи он тамоми қаламрави фарҳанги исломиро дар бар мегирифт. Пас аз марҳалаи тадвини ҳадис ва шохис (намудор)-тар шудани масоили фиқҳӣ аз дигар бахшҳои улуми исломӣ маънои он низ хостар гашт ва пас аз гирдоварӣ шудани манобеи ҳуқуқӣ аз сӯи мактабҳои гуногуни фиқҳӣ вожаи фатво ба маънои истилоҳиаш ихтисос ёфт ва дар мавридҳое ба кор мерафт ё ба масоил ва ҳаводисе таалуқ мегирифт, ки дар он манобеъ дарҷ нагардида ва посухе барояшон пешбинӣ нашуда буд.

Бинобар ин, фатво бо мафҳуми ғайри ихтисосиаш доманаи васеътаре аз улум ва фарҳанги исломиро дар бар мегирад ва бо дин ва ҷомеа дар умум иртибот пайдо мекунад.

як духтар бар ҷой гузоштааст, таракаи вай дар байни ин ворисон чӣ тавр тақсим карда мешавад? Фатво дар ақволи фақеҳон аксаран ба ин маъно ба кор рафтааст.[1]

*** ***

Илова бар ин, масоил ва аҳкоми шаръӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ ба се даста ва ё дараҷа тақсим мешаванд: Усул, наводир, фатвоҳо ва воқеот.

Усул он масоилеро ташкил медиҳанд, ки дар давраи таъсиси мазҳаб аз ҷониби худи имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёрони ҳамкораш, ба монанди имом Абуюсуф, имом Муҳаммад, имом Зуфар ва дигарон баррасӣ ва муҳокима гардида, аз тарафи котибот дар маҷмӯае бо номи «ал-Асл» сабт гардидаанд ва ба «зоҳири ривоят» машҳур мебошанд. Ин масоил гоҳе бо иттифоқи назари ҳамаи онҳо қабул гардида ва гоҳе ҳам назари як ва ё ду нафари онҳоро, ки қавли роҷеҳ буд, ифода мекунанд. Зоҳири ривоят ғолибан аз ақвол ва назароти фиқҳии аиммаи сегона – имом Абуҳанифа (рҳ), имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) ва ё аз қавли яке аз онҳо иборат аст.

Масоили усул ва зоҳири ривоятро имом Муҳаммад (рҳ) дар китобҳои шашгонаи худ гирд овардааст, ки назди фақеҳон ба китобҳои зоҳири ривоят машҳур мебошанд ва иборатанд аз:

1. «ал-Мабсут», ки бо номи «ал-Асл» маъруф буда, бузургтарин таълифоти ӯро ташкил медиҳад ва асоси китобҳои дигар дар масоили зоҳири ривоят мебошад. Хатиби Бағдодӣ аз Абуалӣ Ҳасан ибни Довуд ривоят мекунад, ки фармуд: «... ва ифтихори мо (аҳли Куфа) ба бисту ҳафт ҳазор масъалае дар баёни ҳалол ва ҳаром аст, ки онҳоро марде аз аҳли Куфа бо номи Муҳаммад ибни Ҳасан коркард намудааст ва касе аз донистани онҳо бениёз набошад».[2]

Ин китоб аз сӯи шогирдони тавонои имом Муҳаммад (рҳ), ба монанди Абусулаймони Ҷурҷонӣ, Муҳаммад ибни Самоъаи Тамимӣ ва Абуҳафси Кабири Бухорӣ ривоят ва ба наслҳои баъдии уммат таҳвил дода шудааст. Қисмате аз нусхаи машҳури он ба ривояти Абусулаймони Ҷурҷонӣ бо эҳтимом ва таҳқиқи фақеҳ ва муҳаддиси бузург, раиси кумитаи «Эҳёи маорифи нуъмонӣ» Абулвафои Афғонӣ дар Ҳайдарободи Дакан (Ҳинд) ба чоп омода гардидааст.

2. «Ҷомеъу-с-сағир». Он ҳудуди ҳазору панҷсаду сиву ду (1532) масъаларо дар бар гирифта[3] ва имом Муҳаммад (рҳ) ривоятҳои Абуюсуф (рҳ) аз Абуҳанифа (рҳ)-ро дар он гирд овардааст. Ин китоб ба гуфтаи шореҳон бино ба хоҳиши имом Абуюсуф (рҳ) навишта шуда ва дар назди бузургони пешин ва фақеҳони саршиноси ҳанафӣ ба қадре муҳим ва дорои арзиши илмӣ буда, ки ба гуфтаи Алӣ ибни Мусои Қумӣ имом Абуюсуф (рҳ) бо он ҳама ҷалолати шаън онро дар сафару ҳазар ҳамеша ба ҳамроҳ дошт ва ба қавли Алии Розӣ машоихи пешин касеро ба мансаби қазо ва раёсати додгоҳ интихоб намекарданд, магар пас аз он ки ӯро ба ҳифзи он имтиҳон намоянд.[4]

Бино бар аҳаммияте, ки китоби «Ҷомеъу-с-сағир» дар баёни уюн (гузида)-и масоили динӣ ва назароти фиқҳии мазҳаб дошта, бузургоне ба монанди Абуҷаъфари Таҳовӣ, Абубакри Ҷассос, Абуамри Табарӣ, Заҳируддини Балхӣ, Заҳируддини Тумуртошӣ, имом Фахруддини Узгандӣ маъруф ба Қозихон, Шамсулаиммаи Сарахсӣ, Ҳусомуддин Умар ибни Абдулазизи Бухорӣ маъруф ба Садри Шаҳид, Абунасри Аттобӣ, Абуазҳари Хуҷандӣ, фақеҳ Абулайси Самарқандӣ, Фахрулисломи Баздавӣ, Қозӣ Абунасри Испиҷобӣ, Абуҷаъфари Ҳиндувонӣ, Абулҳасани Кархӣ ва дигарон бар он шарҳҳое навиштаанд.

3. «Ҷомеъу-л-кабир». Имом Муҳаммад (рҳ) дар он ривоятҳои бевоситаи худро аз Абуҳанифа (рҳ) гирд овардааст ва ба назар мерасад, ки онро пас аз китоби Ҷомеъу-с-сағир таълиф намудааст. Ин китоб ба гуфтаи Акмалуддини Бобартӣ уюни ривоёт, мутуни дироёт ва тамоми латоифи фиқҳро фаро гирифтааст.

Китоби «Ҷомеъу-л-кабир»-ро низ Абусулаймони Ҷурҷонӣ, Муҳаммад ибни Самоъаи Та-

[1] Муфтиёни шаръ, ки аксаран соҳибназар дар масоили динӣ ва аз табақоти муҷтаҳидон буданд, фатвоҳо ва нуқтаназароти фиқҳии худро барои раҳнамоии қозиён ва тасҳили кори маҳкамаҳо гирдоварӣ ва дар китобҳое тадвин намудаанд. Аксари китобҳои фатво ба ин тариқ ба вуҷуд оварда шудаанд.

[2] Китобу «ал-Асл» ал-Маъруф би-л-Мабсут. – Ҷ. 1. – С. 7. – Бейрут: Оламулкитоб, 1990; Муҳаммадтақии Усмонӣ. Усулу-л-ифтои ва одобуҳу. – С. 116, ба нақл аз Таърихи Бағдод. – Ҷ. 2. – С. 176.

[3] Шарҳи «Ҷомеъу-с-сағир». – С. 35, ба нақл аз китоби «Кашфу-з-зунун»-и Ҳоҷи Халифа. – Ҷ. 1. – С. 561, 562.

[4] Шарҳи «Ҷомеъу-с-сағир». – С. 37; Усулу-л-ифтои ва одобуҳу. – С. 120.

мимӣ, Абуҳафси Кабири Бухорӣ, Ҳишом ибни Убайдуллоҳи Розӣ ва Алӣ ибни Маъбад ибни Шаддод аз ӯ ривоят кардаанд ва бузургони зиёде бар он шарҳ навиштаанд.

4. «Зиёдот» ва «Зиёдоти зиёдот». Ин ду китоб такмилаи «Ҷомеъу-л-кабир» буда, ба гуфтаи Абулвафои Афғонӣ ба нақл аз Қозихон имом Муҳаммад (рҳ) чун аз таълифи «Ҷомеъу-л-кабир» фориғ гардид, фурӯъ ва масоилеро ба ёд овард, ки дар он зикр накарда буд, пас китоби дигаре таълиф кард ва ин масоилро дар он ҷой дод ва «Зиёдот» ном ниҳод. Боз масоил ва фурӯъеро ба ёд овард, ки аз китоби «Зиёдот» фурӯ монда буданд, пас китоби дигаре таълиф намуд ва ин масоилро дар он зикр кард ва онро «Зиёдот»-и зиёдот ном ниҳод.

Аз он ҷо ки ин китоб такмилаи китоби «Ҷомеъу-л-кабир» аст, тамоми бобҳои фиқҳро дар бар нагирифтааст ва бештари масоили он ба бахши муомалот таалллуқ доранд. Имом Муҳаммад (рҳ) дар он аксаран ба тафреъ (баёни ҷузъиёт) ва зикри масоил бар асоси фиқҳи тақдирӣ пардохтааст.

5. «Сияри сағир». Мавзӯи онро баёни аҳкоми сияр ба маънои муносибатҳои кишвардорӣ ва ба роҳ мондани равобити дипломатӣ ташкил медиҳад.

6. «Сияри кабир».[1] Он охирин таълифоти имом Муҳаммад (рҳ) буда, қадимтарин китоб ва асари катбие аст, ки дар бораи ҳуқуқи байналмилалӣ ва баёни аҳкоми ҷангу сулҳ навишта шудааст.

Китобҳои Муҳаммад ибни Ҳасан (рҳ) асос ва таҳдоби мазҳабро ба вуҷуд овардаанд. Аксари донишмандони ҳанафӣ бар ин назаранд, ки манзур аз таъбирҳои: *«Ин дар зоҳири ривоят аст, ин зоҳири мазҳаб мебошад ва ин мувофиқ ба ривояти усул аст»,* китобҳои шашгона ва машҳури имом Муҳаммад (рҳ) мебошад.

Наводир ба он масоиле гуфта мешавад, ки дар китобҳои ғайри зоҳири ривоят аз имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёронаш ривоят шудаанд. Муҳимтарин қисмати масоили наводир ба имом Муҳаммад (рҳ) дар китобҳои «Кайсониёт», «Ҳоруниёт», «Раққаёт» ва «Ҷурҷониёт» марбут буда, ки аз вай бо санади собит ва саҳеҳ дар сатҳи китобҳои зоҳири ривоят нақл нагардидаанд. Илова бар ин, ин китобҳо имрӯз ноёб буда, дар дастраси аҳли илм қарор надоранд. Қисми дуюми наводир он ривоятҳое ҳастанд, ки дар ғайри китобҳои номбурдаи имом Муҳаммад (рҳ), ба монанди китоби «ал-Муҷаррад»-и Ҳасан ибни Зиёд (рҳ), «Амоли»-и имом Абуюсуф (рҳ) ва ғайра зикр шудаанд, ки мутаассифона аз баъзе онҳо танҳо номаш дар феҳрастораҳо ва маркази библиографӣ боқӣ мондааст ва шояд дар байни дастхатҳои баъзе осорхонаҳои ҷаҳон ва китобхонаҳои мероси хаттӣ мавҷуд буда бошанд.

Асли маъмул дар мазҳаб он аст, ки дар масоил ба ривоятҳое фатво дода мешавад, ки дар китобҳои зоҳири ривоят аз имом Муҳаммад (рҳ) ривоят шуда бошанд, ҳарчанд ба тасҳеҳи онҳо тасреҳ нашуда бошад ва ба ривоятҳои наводир вақте ба зоҳири ривоят дар таоруз бошанд, фатво дода намешавад, магар ба таври нодир. Вале агар фақеҳон ба сиҳҳати ривояте аз китобҳои ғайри зоҳири ривоят назар дода бошанд, ба он низ амал карда мешавад.[2] Фақеҳ ва муҳаддиси бузург Анваршоҳи Кашмирӣ дар «Амоли»-и худ бар «Саҳеҳи Бухорӣ» фармуда, ки аз байни ривоятҳои имом Абуҳанифа (рҳ) он ривоятеро интихоб мекунад, ки ба ҳадис наздиктар бошад, ҳарчанд аз ривоятҳои наводир ва ғайри машҳур буда бошад.[3] Ҳамчунин дар масоиле, ки дар бораи онҳо чизе дар зоҳири ривоят наомада ва ҳукми онҳо дар наводир баён гардидааст, вақте ба усули собитаи зоҳири ривоят муқобил набошад, ба он амал карда мешавад.[4]

Фатвоҳо маҷмӯаи гаронбаҳои назароти муҷтаҳидони мутааххири ҳанафиро ташкил медиҳанд. Фатвоҳо аслан дар бораи масоиле дода шудаанд, ки дар бораи онҳо чизе аз Имом (рҳ) ва ёронаш ривоят нашудааст. Муҷтаҳидони мутааххир бо такя бар усул ва қавоиди мазҳаб он масоилро коркард ва тахриҷ намудаанд. Авва-

[1] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. Муқаддимаи китоби «ал-Асл» маъруф ба «ал-Мабсут», ба қалами раиси кумитаи «Эҳёи маорифи нуъмонӣ» дар Ҳайдарободи Дакан (Ҳинд), Абулвафои Афғонӣ. – Бейрут, 1990. – С. 12.

[2] Шарҳу Уқуду расми-л-муфтӣ. – С. 9.

[3] Муҳаммаданвари Кашмирии Девбандӣ. Файзу-л-борӣ ъало Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 1. – С. 464-465 . – Бейрут, 2005; Усулу-л-ифтои ва одобуҳу. – С. 143, ба нақл аз китоби Анвору-л-борӣ.

[4] Ҳамон сарчашма. – С. 145.

лин китобе, ки дар ин бора дар мазҳаби ҳанафӣ навишта шудааст, китоби «ан-Навозил»-и Абуллайси Самарқандӣ мебошад.[1]

Се китоби дигаре низ аз осори бар ҷоймонда аз имом Муҳаммад (рҳ) ба андозаи китобҳои шашгонаи зоҳири ривоят дар байни аҳли илм шуҳрат доранд ва бо санади саҳеҳ аз вай ривоят шудаанд, ки яке китоби «ал-Муваттаъ», дигаре китоби «ал-Осор» ва сеюм китоби «ал-Ҳуҷҷату ало аҳли-л-Мадина» аст. Аз он ҷо ки ду китоби аввал ба ривояти аҳодис ва осори динӣ бахшида шуда ва масоили фиқҳ дар онҳо ба таври табаӣ – зимнӣ зикр гардидаанд ва китоби сеюм дар бораи фиқҳи хилофиёт таълиф шуда, аз ҷумлаи китобҳои зоҳири ривоят ба шумор намераванд.

«Муваттаъ»-и имом Муҳаммад (рҳ) ҳамон китоби «Муваттаъ»-и имом Молик (рҳ) аст, ки аз тариқи имом Муҳаммад (рҳ) ривоят шуда ва яке аз муътабартарин ривоятҳои мавҷудаи «Муваттаъ» ба шумор меравад.

Дар китоби «ал-Осор» аҳодис, осор ва ривоёте гирд оварда шуда, ки маҷмӯаи масоили фиқҳ бар асоси мактаби ҳанафӣ бар онҳо истинод намудааст ва дар риштаи ҳадисшиносӣ арзиши баланди илмӣ дорад.[2] Қисмате аз ин китоб бо эҳтимом ва таҳқиқи устод Абулвафои Афғонӣ омода ва дар ду ҷилд ба чоп расидааст.

Китоби «ал-Ҳуҷҷату ало аҳли-л-Мадина» дар баёни назароти фиқҳии бузургони мазҳаби ҳанафӣ, ки ба мактаби фиқҳи Ироқ ва аҳли раъй шинохта мешаванд ва дидгоҳҳои фиқҳии машоихи мазҳаби моликӣ, ки ба мактаби фиқҳи Ҳиҷоз ва намояндаи ҷараёни гароиши ҳадисӣ машҳур аст, навишта шуда, яке аз пурбортарин ва куҳантарин асар дар боби муқоранаи мазоҳиб ва омӯзишҳои муқоисавӣ ба шумор меравад.

*** ***

Коршиносони соҳа сайри таърихии фиқҳ ва қонунгузории исломиро пас аз аҳди рисолат, ки давраи таъсиси шаръ ба шумор меравад ва пас аз даврони хилофати рошида, ки ҳалқаи васл ва идомаи татбиқоти амалии шаръ дар байни наслҳои баъдии уммат ва аҳди рисолат буда, аз нахустин марҳалаҳои шаклгирӣ ва зуҳури он ба унвони илми мустақил дар зимни дигар улуми динӣ, то давраи пайдоиши мактабҳои фиқҳӣ, марҳалаҳои шукуфоӣ, рукуд ва эҳёи дубораи он, ба мисли дигар бахшҳои тамаддуни исломӣ ба таври умумӣ ба панҷ давраи таърихӣ ва ё марҳалаи аз ҳам мутафовит ҷудо кардаанд. Дар ин миён давраҳои чаҳорум ва панҷум ва ҳамин тавр давраҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштум дар ҳам мутадохил ва имтидоди якдигар ба шумор мераванд, аз ин рӯ, гарчи ҷудо аз ҳам зикр шудаанд, вале дар умум имтидоди як давра мебошанд.

1) Давраи пеш аз таъсиси мактабҳои фиқҳӣ

Ин марҳала даврони фаъолиятҳои илмӣ-фарҳангӣ ва борварии андешаи динӣ-иҷтимоии (бозмондагони насли дуюм – авсот ва) насли сеюм – сиғори саҳоба то давраи насли сеюм ва ё сиғори тобеинро фаро мегирад ва пас аз даврони хилофати рошида оғоз ва тақрибан то поёни даврони хилофати банӣ Умайя дар нимаи аввали садаи дуюми ҳиҷрӣ ба муддати наздик ба як аср идома меёбад.

Дар ин давра низ футӯҳоти исломӣ, вусъати қаламрави сарзаминҳои хилофат ва гаравидани ақвом ва мардумони мухталифе ба ислом ҳамчунон идома меёбанд ва саҳобагони зиёде барои таълиму тарбияи наслҳои нави уммат, дар атрофу акнофи кишвари паҳновари ислом,

[1] Муҳаммадалии Соис. Таъриху-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Димишқ, 1999. – С. 177, 178. Минбаъд: Таъриху-л-фиқҳи-л-исломӣ.

Наср ибни Муҳаммад маъруф ба Абуллайси Самарқандӣ аз фақеҳони бузурги ҳанафӣ мебошад, ки соли 373 ҳ./983 м. вафот намудааст. (ал-Аъломи Зириклӣ. – Ҷ. 8. – С. 27).

[2] Қисмати умдаи ривоятҳои китоби ал-Осорро аҳодис ва осоре ташкил медиҳанд, ки имом Муҳаммад (рҳ) онҳоро аз устодаш имом Абуҳанифа (рҳ) ривоят кардааст ва дар умум нуҳсаду сездаҳ (913) асар мебошанд, ки Абуҳанифа (рҳ) онҳоро аз байни чиҳил ҳазор (40 000) ҳадис интихоб кардааст. Бар илова, имом Муҳаммад (рҳ) аз дигар устодони худ низ осоре дар он ривоят кардааст, ки шумораи онҳо хеле кам аст (ал-Осор (Таҳқиқу Холид ал-Аввод). – С. 26. – Димишқ: Доруннаводир, 2008). Баъзе ривоятҳои китоби ал-Осор муснади муттасил, баъзеҳо марфӯъ, баъзеҳо мавқуф ва қисмате ҳам мақтӯъ ҳастанд. ал-Осор аввалин китоби таълифшуда дар навъи худ дар ин фан мебошад ва пас аз он муҳаддисони бузурге ба мисли Абдурраззоқ ибни Ҳумоми Санъонӣ, Ибни Абушайба, Табарӣ ва Таҳовӣ китобҳои худ «Мусаннаф», «Таҳзибу-л-осор» ва «Шарҳу маонилосор»-ро ба он равиш таълиф намудаанд (ал-Осор (Таҳқиқу Аҳмад Исо ал-Маъсаровӣ). – Ҷ. 1. – С. 14. – Қоҳира: Доруссалом, 2006).

ба хусус дар сарзаминҳои Шом, Миср ва Ироқ мунташир мегарданд. Ба таври мисол, вақте халифаи чаҳорум Алӣ (рз) маркази хилофатро аз Мадина ба Куфа интиқол дод, ҳудуди 1500 саҳоба ҳамроҳи вай ба он ҷо омаданд, ки дар миёнашон ҳафтод (70) нафар ва ё наздик ба он аз бадриён – аҳли Бадр вуҷуд доштанд. Бо талошҳои иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои илмии ин саҳобагон наслҳое аз тобеин дар ин сарзаминҳо ба камол расиданд ва бо назароти фиқҳӣ, фатово, ақзия – ҳукмномаҳо ва посухҳои онҳо ба рӯйдодҳо ва масоили тоза ба амаломада дар зиндагии мардум омилият – фароянди низомманд гаштани аҳкоми амалии фиқҳ фароҳам гардид ва заминаҳои зуҳури он ба унвони илми мустақил, ки дар оянда ба шаклгирӣ ва зуҳури мактабҳои фиқҳӣ анҷомид, ба вуҷуд омаданд.

Дар ин ҷо машҳуртарин фуқаҳо ва муҷтаҳидонеро, ки нухбаи фикри динии он давраро дар шаҳрҳо ва сарзаминҳои мухталифи ислом ташкил медоданд, ба унвони намуна аз миёни садҳо донишманд ва намояндаи илмӣ зикр менамоем:

1. Дар сарзамини Ҳиҷоз:

Мадина қалби сарзамини ислом ва дорои ҷойгоҳи вижае назди мусулмонон аст. Он ҳиҷратгоҳи расули акрам (с) ва саҳобаи киром, нузулгоҳи ваҳйи илоҳӣ, маркази хилофати рошида пас аз даврони рисолат ва бошишгоҳи бузургони саҳоба буда ва то муддатҳо муҳимтарин хезишгоҳи улуми динӣ ва парваришгоҳи бузургони дин ва фуқаҳои ислом ба шумор мерафт. Пас аз даврони хилофати рошида саҳобагоне, ба мисли Зайд ибни Собит (рз) ва Абдуллоҳ ибни Умар (рз) комилан ба фаъолиятҳои илмӣ ва нашри фарҳанги исломӣ пардохтанд ва ҳаракати илмиеро дар тамоми фарозҳои улуми динӣ дар он ҷо ба вуҷуд оварданд, ки насле аз тобеин, ба хусус фуқаҳои ҳафтгонаи маъруф – Саъид ибни Мусайяб, Урва ибни Зубайр, Қосим ибни Муҳаммад, Хориҷа ибни Зайд, Абубакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳорис, Сулаймон ибни Ясор ва Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба парвардагони мактаби эшонанд.[1]

Бо талошҳои илмии ин фуқаҳои ҳафтгона ва дигар ҳамтоёнашон дар илм, ба монанди Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар, Нофеъ мавлои Ибни Умар, Абдуллоҳ ибни Заквон маъруф ба Абуззинод, Яҳё ибни Саъиди Ансорӣ ва ғ., нахустин таҳдоб ва ҳастаи мактаби фиқҳии аҳли Мадина поягузорӣ ва иштишор ёфт ва дар мадрасаи эшон шахсиятҳои илмие, ба монанди Муҳаммад ибни Муслим маъруф ба Ибни Шиҳоби Зуҳрӣ, Рабеа ибни Абдурраҳмон маъруф ба Рабеаи Раъй, Букайр ибни Абдуллоҳ ва дигарон ба камол расидаанд;

Маккаи мукаррама низ аз улуми динӣ баҳраи вофире дошта, ҳабри уммат ва тарҷумони Қуръон Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) чанде пас аз даврони хилофати рошида дар он сокин гардид ва дар Ҳарами Маккӣ ба тадрис нишаст ва насле аз фуқаҳо, муфассирон ва муҳаддисони бузургро ба камол расонид. Муҷоҳид ибни Ҷабр, Ато ибни Абурабоҳ, Товус ибни Кайсони Ҷанадӣ,[2] Икрима мавлои Ибни Аббос (рз) ва Муҳаммад ибни Муслим ибни Қудрус – мавлои Ҳаким ибни Ҳизом аз шогирдони он мактабанд;

2. Дар сарзамини Шом:

Сарзамини Шом ҷабҳаи шимоли кишвари исломро дар худ ҷой дода буд ва бино бар аҳаммияти ҷуғрофӣ ва низомие, ки барои мусулмонон дошта, фавҷҳое аз саҳобаи киром бо сарварии Абуубайдаи Ҷарроҳ (рз), Холид ибни Валид (рз), Амр ибни Ос (рз) ва дигарон ба он ҷо равона гардиданд ва ба нашри таълимоти ислом пардохтанд. Бар илова, халифаи дуюм Умар (рз) се саҳобаи дигар – Муъоз ибни Ҷабал (рз), Убода ибни Сомит (рз) ва Абудардо (рз)-ро барои даъвати мардуми он сарзамин ба он ҷо фиристод. Пас аз чанде Муъоз дар Фаластин, Убода дар шаҳри Ҳумс ва Абудардо дар Димишқ сукунат гузиданд ва мактаби тафсиру ҳадис ва таҳдоби рӯйкарди фиқҳии аҳли Шом ба василаи эшон поягузорӣ шуд. Оизуллоҳ ибни Абдуллоҳ маъруф ба Абуидриси Хавлонӣ, Қабиса ибни Зуайб, Макҳул ибни Абумуслими Димишқӣ, Раҷо ибни Ҳайваи Киндӣ ва Умар ибни Абдулазиз – халифаи одили банӣ Умайя аз шогирдони саҳобаи сокини Шом ба шумор мераванд;

3. Дар сарзамини Миср:

Абдуллоҳ ибни Амр (рз) машҳуртарин саҳобае буда, ки дар Миср мустақар гардид ва ба таъ-

[1] Асҳоби тароҷим – муаллифони шарҳиҳолнигор дар бораи баъзе шахсиятҳои фуқаҳои ҳафтгона дар Мадина ихтилофи назар доранд.

[2] Баъзе асҳоби тароҷим Товус ибни Кайсонро дар шумори фуқаҳои Яман овардаанд.

лими мардуми он сарзамин пардохт. Язид ибни Ҳабиб – устоди Лайс ибни Саъд фақеҳи номдори Миср аз шогирдони мактаби ӯст ва Абулхайр Марсад ибни Абдуллоҳи Язанӣ – муфтии Миср аз фақеҳони он давраи ин сарзамин аст;

4. Дар Яман:

Мутарриф ибни Мозин – қозии Санъо, Абдурраззоқ ибни Ҳумом, Ҳишом ибни Юсуф, Ваҳб ибни Мунаббеҳи Санъонӣ ва Яҳё ибни Абукасир аз фуқаҳои номдори Яман дар он давра ҳастанд;

5. Дар сарзамини Ироқ:

Сарзамини Ироқ низ саҳобагони зиёдеро дар худ ҷой дода, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ва халифаи чаҳорум Алӣ (рз) дар Куфа ва Абумусои Ашъарӣ (рз) ва Анас ибни Молик (рз) дар Басра дар раъси онҳо қарор доштаанд ва таҳдоби мактаби тафсир, ҳадис ва рӯйкарди фиқҳии аҳли Ироқ ба василаи онҳо рехта шудааст. Алқама ибни Қайси Нахаъӣ, Асвад ибни Язиди Нахаъӣ, Масруқ ибни Аҷдаъ, Шурайҳ ибни Ҳориси Киндӣ – қозии Куфа, Омир ибни Шароҳили Шаъбӣ, Иброҳим ибни Язиди Нахаъӣ, Саъид ибни Ҷубайр ва Ҳаммод ибни Абусулаймон дар Куфа ва Ҳасани Басрӣ, Муҳаммад ибни Сирин, Рафеъ ибни Меҳрон маъруф ба Абулолияи Риёҳӣ, Ҷобир ибни Зайд аз ёрони Ибни Аббос (рз) ва Қатода ибни Диъома дар Басра парвардагони мактаби онҳоянд.

2. Давраи таъсис ва бунёдгузории мазҳабҳо

Талошҳои пайвастаи фарҳангӣ-илмӣ ва фароварди фикрӣ-иҷтимоии уламои ислом дар имтидоди ду давраи гузашта, ки ба муддати бештар аз як қарну рубъе идома ёфт, дар авохири насли сеюми тобеин ва насли аввали табаатобеин ба зуҳури нобиғагони андешаи динӣ, пешоҳангони улуми инсонӣ ва поягузории мактабҳои фиқҳӣ анҷомид. Ин ҳаракати пурбори илмӣ ба оғози даврони хилофати Аббосиён рост омад ва то давраи наслҳое аз шогирдони эшон – табаатобеин идома ёфт.

Бузургоне, ки дар раъси ин ҷунбиши илмӣ қарор доштанд, ба рехтани пояҳои усули қонунгузории ислом ва таъсиси мактабҳои фиқҳӣ пардохтанд ва барои он васила ва низоми равишманде ба вуҷуд оварданд ва имом Абуҳанифа (рҳ) нахустин гомро дар ин ҷода бардошт. Коршиносони соҳаи таърихи қонунгузории исломӣ аз чаҳордаҳ шахсияте ном бурдаанд, ки дар сарзаминҳои мухталифи қаламрави хилофат ба таъсиси мактабҳои хосси фиқҳии худ пардохтаанд. Абдурраҳмон ибни Муҳаммад маъруф ба имом Авзоъӣ (88–157 ҳ./ 707–774 м.) дар Шом, Лайс ибни Саъд (94–175 ҳ./713–790 м.) дар Миср, Ҳасани Басрӣ (21–110 ҳ./ 642–729 м.) ва Суфёни ибни Уяйна (107–198 ҳ./725–813 м.) дар Басра, Суфёни Саврӣ (97–161 ҳ./716–778 м.) ва Муҳаммад ибни Абдурраҳмон маъруф ба Ибни Абулайлои Куфӣ (74–148 ҳ./693–765 м.) дар Куфа, Муҳаммад ибни Исҳоқ маъруф ба Ибни Хузаймаи Нишопурӣ (223–311 ҳ./838–924 м.) дар Нишопур, Иброҳим ибни Холиди Калбӣ маъруф ба Абусавр (170–240 ҳ./786–854 м.), Довуд ибни Алии Исфаҳонӣ маъруф ба Довуди Зоҳирӣ (202–270 ҳ./818–884 м.) ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (224–310 **ҳ**./ 839–923 м.) дар Бағдод аз ин шахсиятҳо буданд.[1]

Ин ҳаракати таъсисӣ ва зуҳури нобиғаҳои илмӣ то охирҳои садаи сеюм ва аввалҳои садаи чаҳоруми ҳичрӣ идома ёфт ва Довуди Зоҳирӣ ва имом Табарӣ охирин муҷтаҳидони дар шарҳ ва соҳибназарони мустақил дар масоили фиқҳ ба шумор мераванд. Инҳо нухбагони илмие буданд, ки ҳар кадом мактаби фиқҳӣ, равиш ва василаи хоссеро барои истинбот ва коркарди аҳкоми шарҳ аз сарчашмаҳои аввал ва далоили тафсилии он поягузорӣ намуданд ва муҷтаҳидон ва соҳибназарони диние, ки пас аз эшон пой ба ҳастӣ ниҳодаанд, бар асоси қоидаҳо ва василаи коргузоштаи яке аз инҳо амал кардаанд.

Мазҳаб исми замон ва макон аз решаи заҳаба (ذَهَبَ) дар луғат ба маънои ҷои рафтан, роҳу равиш ва тариқа бошад ва дар урф ва ё истилоҳи уламои усул ба маънои равиш ва василаест, ки аҳкоми амалӣ ва фурӯъи аҳком аз сарчашмаҳои аввал ва далоили тафсилии шарҳ бо он истинбот ва коркард шаванд. Дар бораи усули эътиқодӣ ва муҳиммоти ақидаи исломӣ тамоми аҳли суннат бар як равиш – тариқи баёнкардаи китоби Худо, суннати расули акрам (с) ва амалкарди салаф – гузаштагони солеҳи умматҳастанд ва дар он ҳеҷ гуна мазҳаб ва роҳу

[1] Хайруддини Зириклӣ. ал-Аълом. – Бейрут, 2005; Умар Ризо Каҳҳола, Муъҷаму-л-муаллифин. – Бейрут, 1993.

расми мухталифе дар байни бузургони дин вуҷуд надорад.[1] Дар бораи усули аҳком, фароиз ва заруроти диние, ки дар сарчашмаҳои шаръ бо далели қатъӣ ва баёни сареҳ собит шудаанд, низ мазҳаб ва роҳу расмҳои мухталифе дар байни уламои ислом вуҷуд надорад[2] ва мазҳаб иборат аз равиши илмӣ ва василаи кориест, ки фазои аҳкоми иҷтиҳодиро зери пӯшиш қарор медиҳад.[3,4]

Заминаҳои рушд ва шаклгирии ин мактабҳои фиқҳӣ ба таври умумӣ аз андешаҳои иҷтиҳодӣ ва назароти шаръии бузургон ва пешинаи ду руйкарди фиқҳӣ обёрӣ шуда, аз ду гароиши машҳури андешаи динии он давра намояндагӣ мекунанд. Яке рӯйкард ва гароиши аҳли ҳадис аст, ки мазҳаби ҳанбалӣ ба таври комил ва мазҳаби моликӣ то андозаи зиёде бозтоби фиқҳии он ба шумор мераванд ва мазҳаби шофеъӣ марзи миёна ва равиши васате байни он ва рӯйкарди асҳоби раъй аст, дигаре рӯйкард ва гароиши аҳли раъй аст, ки мазҳаби ҳанафӣ бозтоби комил ва намояндаи ба тамоми маъно аз он аст.

Давраи таъсисёбии ҳар яке аз мазҳабҳои фиқҳӣ бо назардошти тафовути хавосси иҷтимоии иқлими пайдоиш, ҳаҷми захоири ривоятҳои суннат ва осори ривоӣ аз саҳобаи киром, рӯйкардҳои фиқҳӣ, шӯру талоши ҳомилони он ва дигар заминаҳои лозим барои истеҳкоми сохтори илмиаш муддатзамони мутафовитеро пушти сар гузоштааст. Ба таври мисол мактаби фиқҳи ҳанафӣ аз оғози фаъолиятҳои илмӣ ва фиқҳии худи имом Абуҳанифа (рҳ) ва тақрибан пас аз вафоти устодаш Ҳаммод дар соли 120 ҳ. – замоне, ки барои тадрис дар раъси ҳалқаи шогирдонаш нишаст, шурӯъ ва даврони фаъолиятҳои илмии чаҳор шогирди бузургашро то вафоти Ҳасан ибни Зиёд дар соли 204 ҳ./819–820 м. фаро мегирад. Имом Абуҳанифа (рҳ) ва чаҳор шогирди нухбааш – Яъқуб ибни Иброҳим (Абуюсуф), Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Зуфар ибни Ҳузайл ва Ҳасан ибни Зиёд аз муассисони мазҳаб ба шумор мераванд.

3. Давраи густариш ва таҳкими пояҳои фиқҳи исломӣ

Гарчи пас аз Табарӣ дигар нобиғагоне, ки ба иҷтиҳоди мутлақ дар шаръ пардозанд ва мактаби хосси фиқҳие ба вуҷуд ованд, амалан вуҷуд надошта, вале тамаддун ва фарҳанги исломӣ, ба хусус ҳавзаи фиқҳ ва қонунгузории он то нимаи дуюм ва ё авохири қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ ҳамчунон дар пешрафту шукуфоӣ ва борварию афзоиш буд. Бо тарҷимаи осори фарҳангии тамаддунҳои бостон ва баргардони дастовардҳои илмии миллатҳои пешин дар давраи аввали хилофати аббосӣ ҳаракати фарогири илмӣ ва Эҳё – Ренессанси ҳамагоние дар байни миллатҳои Шарқ дар саросари кишварҳои исломӣ ба роҳ афтод, ки тамоми ақвоми қаламрави хилофат ва бофтҳои нави иҷтимоии ҳамроҳгашта ба ҳавзаи фарҳанги исломӣ, ба вижа шахсиятҳои фарҳангӣ ва хонадонҳои маъруфе аз мардуми форс-тоҷик, ба монанди бармакиён аз мардуми Балх, банӣ Мусо ва ғ., дар сатҳҳои мухталифе дар он саҳмгузор буданд.[5]

[1] Усули ақоид ва арзишҳои эътиқодӣ дар фарҳанги исломӣ аз ҷумлаи қатъиёти шаръӣ ва куллиёти тағйирнопазири имоние ҳастанд, ки ба бозсозии андеша, ҷиҳатбахшии боварҳо ва танзими ҷавҳари имони банда сари кор доранд ва дар онҳо аз ҳақоиқи динӣ, ахбори ғайбӣ ва мафҳумҳое сухан рафтааст, ки аз доираи фаҳм ва иқтидори дарки неруҳои фикрии инсон болотаранд. Бинобар ин, ин қисмат аз арзишҳои диниро Худо ва расулаш (с) дар Китоб ва Суннат ба тафсил баён карда, дар ҳамон садри аввал ба маънои онҳо иҷмоъ шудааст ва амри онҳо ба нубуғи иҷтиҳодӣ ва тавоноиҳои зеҳнии инсон вогузор нагаштааст.

[2] Аркони дин ва куллиёти амалие низ дар ҳавзаи аҳкоми амалии шаръ вуҷуд доранд, ки бо ҳамон се асл – Китоб, Суннат ва иҷмоъ собит шудаанд ва аз арзишҳои тағйирнопазир ва куллиёти собити ислом ба шумор мераванд, ки субути асли онҳо ба ҳеҷ гуна қавоид ва василаи иҷтиҳодие ниёз надорад, ба монанди асли намоз, закот, рӯза, ҳаҷ ва ғ. Аммо дар баёни васфҳо ва тафсилоти ҷузъии мутааллиқ ба онҳо назар ва дидгоҳи мазҳабҳо аҳёнан аз ҳам фарқ мекунанд.

[3] Аҳкоми амалӣ ва масоили фиқҳии шаръ ба танзими завоҳири ҳаёт ва сомон бахшидани маҷрои зиндагии инсон сари кор доранд ва ин бахш аз зиндагии инсон қобили таҷаддуд ва дар маърази дигаргунӣ ва навшавии пайваста қарор дорад, амре, ки ба сарчашмаҳо ва василаи коркарди васеътаре ниёз дорад, то онро бо усули куллӣ ва куллиёти собитшуда дар Китоб ва Суннат вифқ диҳанд ва ба масири ҳадафҳои олии он мутобиқ гардонанд ва ин ҳамон ҳавзаи масоили иҷтиҳодӣ дар фиқҳ ва қонунгузории исломӣ аст.

[4] Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб, ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ, мароҳилуҳу ва табақотуҳу ... – Риёз, 1998.

[5] Ин хезиш бо наҳзати тарҷима (ар.نهضت ترجمه) – ҷунбиши интиқол ва баргардони осори илмӣ ва фарҳангии тамаддунҳои бостон ва улуми авоил (пешиниён) ба олами ислом оғоз ва аз миёнаи садаи дуюм то авохири

4. Давраи рукуди фиқҳи исломӣ

Дар давраи дуюми фармонравоии Аббосиён андак-андак нуфузи сиёсӣ ва динии хулафо суст ва салоҳиятҳои кишвардории онҳо маҳдуд гардиданд ва гоҳе ҳам шахсияти халифа танҳо ба унвони намои рамзие аз хилофат ҳифз мешуд, амре ки дар ниҳоят ба афзоиши нуфузи сиёсӣ ва қудратманд гаштани ҳокимиятҳои нимамустақил, зуҳури давлатҳои маҳаллӣ ва манотиқи мулукуттавоифии хурдтаре дар саросари қаламрави хилофат анҷомид ва дар мақтаъҳое аз таърих халифа ва пойтахти хилофат шаҳри Бағдод таҳти нуфуз ва дар қабзаи ҳукми хонадонҳо ва қудратҳои нимамустақилле, ба монанди оли Бӯя, Салҷуқиён ва ғ. қарор гирифт. Ин ақибгард – пастравии сиёсӣ ва заъфи ҳокимияти марказӣ дар тамоми бахшҳои фарҳанги исломӣ заъфу парешониро ба вуҷуд овард ва фиқҳ ва ҳавзаи қонунгузории исломӣ низ рӯ ба заъфу костӣ ниҳод. Ин ҳолати рукуд ва ақибгард аз нимаҳои дуюми асри чаҳоруми ҳичрӣ оғоз ва андак-андак таъсири манфӣ ва осори номатлуби худро дар пайкари тамаддуни исломӣ ҳамегузошт, то саранҷом соли 656 ҳ./ 1257–1258 м. бо ҳамлаи муҳоҷимони муғул ба шаҳри Бағдод ба авҷи худ расид.

Ҳолати рукуд ва ақибгарди фарҳанг ва фиқҳи исломӣ, ҳамон гуна ки зикр гардид, якдафъа ба авҷи худ нарасида, балки он тайи чанд аср ва пас аз таокули[1] дохилии хилофати исломӣ ба он сарнавишти дарднок рӯ ба рӯ гардид. Пас дар ин асно ибтикороти илмӣ ва корномаҳое низ сурат гирифта ва шахсиятҳои нодире дар роҳи таолии фарҳанги исломӣ ва ғановати бештари ганҷинаи фиқҳи исломӣ ба фаъолият пардохтаанд. Ин аст, ки мактаби фиқҳи ҳанафӣ ҳам дар ҳавзаи нуфуз ва ҳам дар тафреъи аҳкоми фиқҳӣ дар ин давра низ густариш ва пешрафтҳое дошта ва он аз вафоти Ҳасан ибни Зиёд дар соли 204 ҳ. оғоз ва то поёни ҳаёти имом Абдуллоҳ ибни Аҳмади Насафӣ (710 ҳ./1311 м.) идома меёбад. Донишмандон ва фақеҳони ин давра аксаран муҷтаҳидони дар мазҳаб буда, бештар дар масоиле ба иҷтиҳод пардохтаанд, ки аз табақаи салаф ва соҳибони мазҳаб дар мавриди онҳо ривояте ба эшон нарасидааст. Фақеҳони ин давра ва давраи баъдӣ аз ҷиҳати илмӣ ба сатҳҳои гуногуни иҷтиҳодӣ тақсим мешаванд, ки дар табақоти муҷтаҳидон ба он ишора мешавад.

Дар ин давра, ки то нимаҳои садаи ҳафтуми ҳичрӣ идома дошт, донишмандони бешуморе дар мазҳаби ҳанафӣ пой ба ҳастӣ ниҳоданд, арсаи иҷтиҳодоти фиқҳӣ густариш ёфт ва афкори мазҳаб рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар сояи иҷтиҳодоти машоихи бузурги мазҳаб дар ин давра тарҳи куллии мафҳуми мазҳаб ва хututи он муайян гардиданд ва садҳо китобҳои мухтасар, матн ва шарҳҳои боарзише дар фиқҳи мазҳаб таълиф гардиданд.

Ду марҳалаи гузашта ба даврони хилофати наздик ба панҷасраи Аббосиён рост меомаданд ва даврони шукуфоӣ ва аз пурбортарин давраҳои тамаддуни исломӣ ба шумор мераванд. Фиқҳи ҳанафӣ низ аҳди тилоӣ ва ғанитарин фурсатҳои иҷтиҳодӣ-таҳқиқии худро дар ҳамин давра пушти сар намудааст. Он дар сарзаминҳои шарқии хилофат дар даврони ҳукмронии сулолаҳои Тоҳириён, Сомониён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ғ. мазҳаби расмии қаламрави онҳо ба шумор мерафт.

5. Давраи ҳукми муғул ва қонуни Ёсо

садаи чаҳоруми ҳичрӣ идома ёфт. Дар тӯли ин муддат шумори фаровоне аз осори илмии асили тамаддунҳои Юнон, Эрон, Миср ва Ҳинд ба арабӣ тарҷима шуд, ки бештари онҳо дар заминаи тиб, риёзиёт, нуҷум, фалсафа ва ойини кишвардорӣ буданд. Мусулмонон дар ибтидо ба тарҷимаи осори донишмандони юнонӣ, ҳиндӣ, эронӣ ва ғ. рӯй оварданд. Бо интиқоли дониш ва тамаддуни дигар сарзаминҳо ба ҷаҳони ислом, мусулмонон худ мубтакирона ба тавлиди илму дониш пардохтанд ва он чиро, ки аз дигар тамаддунҳо омӯхта буданд, дар шукуфоии тамаддуни исломӣ ба кор гирифтанд. Онҳо ба тадриҷ дар риштаҳои физика, нуҷум, риёзиёт, тиб ва дигар илмҳо саромад ва созандаи дониш шуданд, ба тавре ки донишмандон барои ёдгирии улуми ҷадид аз дигар мамлакатҳо ба сарзаминҳои исломӣ равона мешуданд. Ба гуфтаи Зарринкӯб, дар наҳзати тарҷима, ки гуфтугӯи тамаддунҳои пешин бо тамаддуни исломӣ маҳсуб мешуд, мероси тамаддунҳои гузашта ба олами ислом мунтақил гардид ва пас аз он тамаддуни ислом чунон шукуфо шуд, ки мусулмонон дигар ба тарҷима қонеъ набуданд, балки аз пайи эҷоди наҳзати наве ба унвони созандаи улум буданд. Чун аксари китобҳои донишмандони юнонӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ ва эронӣ вақте ба ҷаҳони ислом мунтақил мешуданд, ба дасти аҳлаш меафтоданд (Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Корномаи ислом. – С. 49).

[1] Таокул исм ба маънои фарсудагӣ, пӯсидагӣ ва хӯрдашавӣ.

Дар ин давра ҷаҳони ислом ба мадду ҷазрҳои бунёдбарандоз ва ҳамлаҳои бераҳмонаи муғулон рӯ ба рӯ гардид. Ҳамлаи муғул соли 616 ҳ./1218–1219 м. аз марзҳои Чин ба сӯи Осиёи Марказӣ оғоз ва пас аз чиҳил сол куштору ғорат ба маркази хилофат шаҳри Бағдод расид ва ба дунболи он манотиқе дар сарзамини Шом ва Осиёи хурд низ ба тасарруфи онҳо даромад. Муҳоҷимони муғул пас аз тасарруфи шаҳри Бағдод – пойтахти Аббосиён дар соли 656 ҳ./ 1257–1258 м. ба хилофати панҷсараи онҳо хотима доданд. Бар асари куштори бераҳмонаи мардуми ин сарзамин шаҳрҳои бузург ва деҳоти ободи хилофати шарқӣ кисман аз сакана холӣ ва ба хароба табдил шуданд ва қисмате аз аҳолӣ нимахолӣ гадиданд. Чун муғулон мардуми сахронишин ва қавми бефарҳанг буданд, дастхатҳои нодир, китобҳои илмӣ ва навиштаҷоти дастнохӯрдаи фарзандони мусулмонро, ба мисли истилогарони фарангӣ, бо худ набурданд, балки ҳамаро ба оташ кашиданд ва бо ҳар роҳе нобуд сохтанд. Ин буд, ки миллатҳои мусулмон дигар то асрҳо натавонистанд қомати фарҳангу тамаддуни худро рост намоянд.

Бо истиқрори ҳукми муҳоҷимони муғул ва бозшудани пойгоҳҳо ва марказҳои низомии онҳо дар шаҳрҳо ва сарзаминҳои тасарруфшудаи ин паҳнои азими ҷуғрофӣ, ки аз сарҳаддоти Чин то сарзамини Шомро фаро мегирифт, қавонини Ёсои Чингизхонӣ[1] ба ҷои аҳкоми дар хазонаи хон бо номи «олтин дептер» – «китоби заррин» нигаҳдорӣ мешуд.

Ин қонун ба забони муғулӣ ва бо хатт (алифбо)-и уйғурӣ навишта шуда ва аз муқаррарот ва дастурҳое дар бораи чигунагии равобити хориҷӣ бо дигар ақвом ва кишварҳо, ҷанг, тақсимоти артишӣ, низоми номарасонӣ, низоми молиёт, равобити хонаводагӣ, меросбарӣ ва ғ. иборат буд. Ёсо аслан бар асоси урфу одоти қабилавии қавми саҳрогарди муғул, таҷрибаҳои шахсии худи Чингизхон ва расму ойини мавҷуд дар Чини шарқӣ мураттаб гардидааст. Чингизхон фарзандаш Ҷағатойро бар назорат ва иҷрои Ёсо маъмур сохт ва фармуд, ки бандҳои он бо ҳарфҳои дурушт – барҷаста бар рӯи сахраҳои бузурге, ки сари роҳи убури сарбозон воқеанд, навишта шаванд.

Аз гуфтаҳои Ҷувайнӣ бармеояд, ки Чингизхон ёсоҳоро соли 1206 аз тасвиби сарони қабоили муғул дар нишасти машҳури онҳо бо номи «қурултой» гузаронидааст ва ҳар ислоҳ ва дигаргуние, ки баъдҳо ба он ворид карда шуда, аз сӯи сарони он қабоил дар қурултойҳои баъдӣ, ки ба муносибатҳои муҳимме доир мегаштанд, бозбинӣ ва мавриди баррасӣ қарор мегирифтаанд.

Аз нусхаи аслии Ёсо на дар сарчашмаҳо ва осори катбии худи муғулон ва на дар тарҷимаҳои онҳо ба забонҳои дигар чизе мавҷуд нест ва ба гуфтаи Бартолд, номаълум аст, ки оё касе аз муаррихон чунин нусхае аз Ёсоро дидааст (Сочинения. – С. 89) ва ончи имрӯз ба номи Ёсои Чингизхонӣ шинохта мешавад, порчаҳои парокандае аз тарҷимаи он аст, ки дар осори муаррихони асрҳои 13–15-и мусулмон ва гузоришҳои сайёҳон ва муаррихони ғарбӣ боқӣ мондааст. Дар ҳифзи он аз ҳама бештар муаррихони мусулмоне саҳм гузоштаанд, ки бо хонадонҳои нуфузманд, сарони қабоил ва хонҳои муғул ошноии наздик ва муошарати амиқ доштаанд, ба монанди Атомалики Ҷувайнӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳ ва дигарон ва ё ба китоби Ёсо ба гунае дастрасӣ ва шиносоӣ доштаанд, ба монанди муаррихи мисрӣ Макризӣ, ки бино ба назари роҷеҳ ба Ёсои мавҷуд дар Бағдод дар аҳди Ҳулоку дастрасӣ ва шиносоӣ доштааст. Муаррихон бар ин назаранд, ки Ҳулоку нусхае аз Ёсоро барои худ дар Бағдод нигаҳ медоштаааст. Рязановский дар «Усули асосии қавонини муғул» (Лоҳа – Гаага, 1965) ва Г. Вернадский дар мақолаи «Ҳудуд ва муҳтавои Ёсои Чингизхонӣ» дар «Маҷаллаи мутолаоти осиёии Ҳорворд» (Гарвард, 1938) ва дар китоби «Монголы и Русь» (1953)-и худ порчаҳое аз Ёсоро гирд овардаанд (В. В. Бартольд. Сочинения, том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. – Москва, 1963; Алоуддин Атомалик ибни Баҳоуддин Муҳаммад Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонкушо. Теҳрон, 1391 ш.; Доиратулмаорифи форсӣ. – Ҷ. 3. – Теҳрон, 1387 ш.; Большая советская энциклопедия. – Ҷ. 30. – С. 561. – Москва, 1978; Советская историческая энциклопедия. – Ҷ. 16. – С. 501. – Москва, 1976; Словарь исторических терминов, имен и историко географических названий. – Составитель А. П. Торопцев. – Москва, 2002).

[1] Ёсо, ёса, ёсоқ, ясоқ ва ясақ дар забони муғулӣ аз калимаи «ё» фармон ва ҳукм ва «со» шоҳ ба маънои фармон ва ҳукми подшоҳ аст ва ба маънои мутлақи дастур ва қоида низ омадааст. «Ёсо» ба маҷмӯаи қавонин ва ҳукмҳои Чингизхон гуфта шавад, ки ба фармони вай дар тӯморҳое навишта шуда ва ба номи «Ёсономаи бузург» ва ё «Ёсономаи чингизхонӣ» машҳур шудааст. Калимаи «ёсо» аз тариқи тавассуъ ба маънои муҷозот, танбеҳ ва сиёсат низ ба кор рафта ва «ба ёсо расонидан» ва «ба ёсо расидан» ба маънои танбеҳ кардан ва ба муҷозот расидан аст, он дар китобҳои таърихи аҳди муғул мукаррар ба ин маъно омадааст. Чингизхон пас аз таъсиси императории қавми муғул барои танзими ҳаёти иҷтимоии ақвоми таҳти фармонравоии худ ва ба низом овардани муносибатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва молии он бо дастёрии фарзандонаш Уггой ва Ҷағатой маҷмӯаи қавонин ва тартиботеро бо номи ёсоҳо пешбинӣ ва онро бар рӯи теғаҳои оҳан ҳаккокӣ ва таҳрир намуд. Ба гуфтаи порае аз муаррихон, ба монанди Ҷувайнӣ, нусхае аз он дар ду ва ё чанд дафтар ба шакли тӯморҳое набишта ва дар ҷилдҳое аз ҳарир ниҳода ва

шаръ, ярлиғҳо[1] ба ҷои амрҳои илоҳӣ ва ярғуҳо[2] ба ҷои маҳкамаҳои исломӣ ба кор андохта шуданд, пойбандӣ ба арзишҳои эътиқодӣ суст ва аҳкоми фиқҳӣ ва низоми иҷтимоии ойини ислом муаттал гардиданд. Манкуқоон ҳангоме ки Ҳулокуро ба сарзамини Осиё ва Эрон фиристод, ба вай тавсия кард: «Ёсои Чингизхонро дар куллиёт ва ҷузъиёти умур риоят кун ва раоёро аз таклифоти номуваҷҷаҳ осуда дор ва мамлакати ёғиёнро ба қудрати Худойи бузург бикушой, то яйлоғ (яйлоқ) ва қишлоғ (қишлоқ)-и шумо бисёр гардад».[3]

Он муҳоҷимони кӯчӣ бо таҳмили расму ойини бадавӣ ва одоти хашини худ бар мусулмонон фишор меоварданд, аз забҳи чаҳорпоён ба тариқи шаръӣ, ғуслу обдаст ва шустани либосҳояшон дар об мумониат менамуданд ва бар асоси ҳукми Ёсо чаҳорпоро бояд бо даридани шикам ва фишурдани дилаш мекуштанд.[4]

[1] Ярлиғ ва ёрлиғ вожаи муғулӣ ба маънои ҳукм ва фармон аст. Он ба сурати ярлиқ ва ёрлиқ ба забони туркӣ роҳ ёфта ва ҳанӯз ба ҳамин маъно дар забони муғулӣ боқӣ ва маъмул аст.

[2] Ярғу ва ёрғу калимаи муғулӣ ба маънои мурофиа, муҳокима ва гоҳе ба маънои шикоят ва даъво омадааст. Ярғу пурсидан ба маънои истинтоқ ва бозпурсӣ кардан аст. Он дар китобҳои таърихи аҳди муғул мукаррар омадааст, ярғучӣ ё ёрғучӣ унвони мансабдоре аст, ки ба таҳқиқ ва бозпурсии шикоятҳо ва умури ҷиноӣ маъмур буда.

[3] Парвини Рустамӣ. Фаслномаи «Пажӯҳише дар таърих», № 12, таърихи 21/01/1393 ш. мақолаи «Қавонини муғулии ҳукумати Эйлхонон дар Эрони исломӣ».

[4] Дар банди 8-уми Ёсо ба тартиби зикри Макризӣ омадааст: «Вақте ба хӯрдани гӯшти чаҳорпое рағбат кунанд, (аввал) бояд пойҳои онро баст, шикамашро дарид ва қалбашро бо даст фишор дод, то бимирад, сипас аз гӯшти он истифода кард. Аммо агар касе ҳайвонеро ба мисли мусулмонон бикушад, вай дар вақеъ худашро куштааст».

Баъзе хонадонҳо ва афроде аз қабоили саҳрогарди муғул бо таъсири мубаллиғони насронӣ аз ғарби кишвар ва рӯҳониёни буддоӣ аз ҷануб ба кеши масеҳиёни настурӣ ва ё диёнати буддоӣ гаравида буданд, вале оммаи муғулон ба урфу одоти қабилавӣ пойбанд ва ба хурофот ва эътиқодоти мавҳумии шамании нимаомехта ба буддоӣ муътақид буданд.

Бахше аз ин расму одот ва эътиқодоти хурофии муғулон, аз қабили эътиқод ба таъсири арвоҳи шарир (бад) дар ҳаёти инсон, таъсири онҳо дар умури олам, бовар ба пешгӯии коҳинон ва фолбинон, тарс аз таъсири сеҳри ҷодугарон, эътиқод ба зуҳури хашми Худо ба сурати раъду барқ, азоим ва тилисмҳое барои тасарруф дар умури табиат ва ғ. ҳамроҳ бо фавҷҳои лашкар ва сели корвонҳои кӯчии онҳо ба сарзаминҳои таҳти тасарруфашон ворид гардиданд ва дар масири эътиқодӣ ва биниши фарҳангӣ-иҷтимоии мардуми ин сарзаминҳо дар мобаъд таъсири номатлуби худро гузоштанд. Ҳатто солшумории онҳо бо номи мӯчал, ки бар асоси тасаввури даврӣ дар бораи солҳо ва номидани онҳо бо номҳои ҳайвонот бино ёфта буд, дар байни мардуми мусулмон мутадовил гашт ва то замони мо идома дорад (Забиҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ. 3, бахши аввал. – С. 82. – Теҳрон, 1369 ш.; Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. – С. 736-742. – Лейдан: Брелл, 1911: Ҳамон китоб. – Ҷ. 1. – С. 561–581. – Теҳрон: Нашри Албурз, 1373 ш.).

Марко Поло дар Сафарномаи худ оврадааст: Тоторҳо (баъзе сафарноманигорон муғулҳоро аз боби тағлиб тотор номанд) солҳоро бо давраи дувоздаҳсола (мӯчал) баршуморанд ва соли аввали онро шер (ба ҷои паланг), соли дуюмро гов, сеюмро аждаҳо (ба ҷои наҳанг), чаҳорумро саг ва ғ. номанд (Сафарномаи Марко Поло (тарҷимаи арабӣ, Абдулазиз Ҷовид). – Ҷ. 2. – С. 83. – Қоҳира, 1996; Книга Марко Поло, бо муқаддимаи Магидович. – С. 124). Бар пояи ривоятҳои гуногуне, ки дар китобҳои мухталиф дар бораи ин солшумории муғулон омада, номи солҳо каму беш аз ҳам тафовут дорад, вале тибқи тозатарин сарчашмаҳои муътамад он ба тартиби зер: Муш, гов, паланг, харгӯш, наҳанг (моҳӣ) (дар баъзе сарчашмаҳо ба ҷои наҳанг аждар зикр шуда), мор, асп, гӯсфанд, ҳамдуна (маймун), мурғ, саг ва хук бошад. Ба гуфтаи Де Ҷенӣ ин тақвим дар байни чиниён низ аҳёнан маъмул будааст (Сафарномаи Марко Поло (тарҷимаи арабӣ, Абдулазиз Ҷовид). – Ҷ. 2, ҳавошии фасли 25. – С. 253–254. Ба нақл аз китоби Hist. des Huns. – Ҷ. 1. – С. 47; ҳавошии тарҷимаи русӣ, таҳқиқи В. Бартолд. – С. 291).

Ба гуфтаи Маҳмуди Кошғарӣ, туркон (ақвоми саҳронишини даштҳои Қипчоқ, Сибир ва атрофи онҳо) номи дувоздаҳ навъ аз ҷонваронро гирифта, барои номи дувоздаҳ сол баргузиданд ва солҳои умри кӯдакон, таърихи набардҳо ва қаҳрамониҳо ва дигар чизҳоро бо гардиши солҳои дувоздаҳгона мешуморанд ва дар хотир нигаҳ медоранд ва решаи он чунин аст, ки яке аз хоқонҳои турк хост таърихи яке аз набардҳои пеш аз худро бидонад ва (муаррихон) дар таъйини таърихи вуқӯи он ба иштибоҳ афтоданд. Аз ин рӯ, хоқон бо мардум машварат кард ва дар қурултойе, ки ба ҳамин муносибат баргузор гардида буд, гуфт: «Ҳамон гуна ки мо дар таъйини ин таърих саҳв кардем, пас аз мо низ ояндагон дар иштибоҳ хоҳанд афтод. Пас (беҳтар аст, ки) мо ҳоло ба шумори бурҷҳои дувоздаҳгонаи осмон ва моҳҳои дувоздаҳгона солҳоро низ ба ҳамин тартиб номгузорӣ кунем ва тақвим (солнома)-и худро бо гардиши ин солҳо ба танзим дароварем ва ин кор ёдгоре ҷовидона дар миёни мо бимонад».

Мардум аз ин пешниҳоди хоқон истиқбол карданд ва фармон дод, ки ҳайвоноти ваҳширо ба сӯи дарёи Илосӯ (ili su - Илисӯ) бironанд. Мардум ҳайвоноти ваҳширо ба вуруд ба об водоштанд, чанде аз онҳо дар роҳ шикор шуд ва гурӯҳе аз тарс ба об париданд. Вақте дувоздаҳ навъ аз ҳайвонот аз об гузаштанд, номи ҳар яке аз онҳо бар соле ниҳода шуд. Нахустин ҳайвоне, ки аз об гузашт, сичқон ё сичғон

Ин вазъи нобасомон шароити демографӣ, бофтҳои иҷтимоӣ, тираҳои қавмӣ, фароянди фарҳангӣ, рӯҳияи фарзонагӣ, андешаи озодагӣ, нубуғофаринии фикрӣ, зербинои кишоварзӣ, мадори иқтисодӣ ва хулоса самту сӯи зиндагӣ ва намои тамаддунро дар ин паҳнои ҷуғрофӣ тағйир дод, онҳоро комилан хароб ва ё осебдида ва нимакора гардонд ва ба ҷои онҳо аносир ва ашёи наверо рӯи саҳна овард. Ин вазъ бештар аз ду аср то давраи ислом овардани эйлхонон, хонадонҳо ва сулолаҳои ҳокими давраҳои баъдӣ ҳамчунон идома дошт.[1] Ҳатто дар давраи ҳукми темуриён, ки мусулмонзода буданд, ҳанӯз бахшҳое аз Ёсои Чингизхонӣ, ярғуҳо ва дигар осори фарҳанги давлатдории муғулӣ нофиз ва побарҷо будааст.[2]

(sichgan) буд ва нахустин сол аз гардиши солҳоро (тибқи он солшуморӣ) ба номи ин ҳайвон: сичқон йилӣ (sichgan yili) «соли муш» номиданд ва сипас номи ҳайвонотеро, ки ба тартиб аз об гузашта буданд, бар солҳои баъдӣ ниҳоданд. Пас аз муш дар он уд (ud) «гов» буда, соли баъд аз мушро уд йилӣ (ud yili) ва соли охири ин давраи дувоздаҳсоларо ба сабаби убури тунгуз (хук) пас аз ҳамаи ҳайвонот, тунгуз йилӣ (tonguz yili) «соли хук» номиданд (Кошғарӣ, Маҳмуд ибни Ҳусайн. Девону луғоти-т-турк (тарҷимаи форсӣ: Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ), зайли моддаи «барс». – С. 222. – Табрез: Нашри ахтар, 1384 ш.; Фарҳанги форсии Муъин. – Ҷ. 4.; Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги бузурги сухан. – Ҷ. 5. – Теҳрон: Интишороти сухан, 1393 ш.).

[1] Шоёни зикр аст, ки ақвоми саҳронишин ва сулолаҳои ҳокими муғул бо он фарҳанги хашин ва одоти бадавие, ки доштанд, вақте ба миллатҳои мусулмон даромехтанд, андак-андак дар фарҳангу ойини онҳо ҳазм гаштанд, наслҳои баъдиашон ба дини ислом гаравиданд ва фарҳанги қавми мағлуб он ғолибони саҳнаро тасхири хеш кард. Таърих худ беҳтарин шоҳид аст, ки ин рӯйдоди муҳим, пеш аз ҳама, бо талошҳои пайваста ва ҷидду ҷаҳди уламои ислом, ба вижа донишмандони порсо, фақеҳони дилсӯз ва суфиёни ворастаи ҳанафӣ ба амал омадааст. Ин аҳли диёнат ва парвардагони фарҳанги исломӣ ба дарбор ва хонадонҳои нуфузманди муғул роҳ бурданд ва дилҳои сангини эшонро бо арзишҳои волои исломӣ тасхир намуданд.

[2] Муғулон зоҳиран ва дар байни сатрҳо ва ибораҳои Ёсои Чингизхонӣ ва Биликҳои хонҳои худ барои тамоми ақвоми сокини қаламрави империтории худ ва пайравони адёни мухталифи тобеи он шароити яксонеро дар назар гирифта буданд, ҳеҷ якеро бар дигаре тарҷеҳ намедоданд ва ҳеҷ фарҳанг ва динеро бар онҳо таҳмил намекарданд. Ёсоҳо ва ярғуҳо умдатан барои танзими самту сӯи зиндагӣ ва муҳокимаи худи муғулон пешбинӣ шуда буданд, маҳкамаҳои шаръ зоҳиран доир ва оммаи мардуми мусулмон дар онҳо муҳокима мешуданд, вале чун аксари донишмандон, хонадонҳои фарҳангӣ ва аҳли андеша кушта шуда ё ба дасти онҳо асир афтода ва қисмате бехонумон ва овораву дар ба дар гашта буданд, фуқаҳои бодиёнат ва қозиёни аҳли басирати бозмонда аз наздикӣ ба дарбори хонҳои муғул ва ҳамкорӣ бо онҳо канора меҷустанд. Пас касе ба он маҳкамаҳо назорат намебурд, дар мавридҳои зиёде қозиёни машғули хидмат ба аҳкоми Ёсоҳо ва ярғуҳои муғул рӯй меоварданд ва он маҳкамаҳо ва додрасиҳо аз сӯи ҳокимони муғул дастгирӣ ва таъйиди амалӣ намеёфтанд.

Бо он ки дар банди 11-уми Ёсо омадааст: «Ҳамаи адён ва мазоҳиб бо ҳам баробаранд ва ҳеҷ гуна тарҷеҳе бар якдигар надоранд ва ин фармон ҷанбаи осмонӣ дорад», вале ба гуфтаи Рашидуддин Фазлуллоҳ: «Ҳамвора дар шаҳрҳои бузург занони фоҳишаро дар паҳлӯи масоҷид, хонақоҳот ва хонаҳои ҳар кас менишонданд ва низ канизаконро, ки аз атроф меоварданд, чун ҷамоати хароботиён ба баҳои мувофиқтар аз дигарон мехариданд, аксари туҷҷор дар фурӯхтани эшон майл ба он ҷамоат мекарданд. Ва баъзе аз он канизакон, ки дар нафси худ ҳамийят ва қуввате доштанд, намехостанд, ки эшонро ба харобот фурӯшанд ва ба иҷбор ва икроҳ мефурӯхтанд ва ба кори бад менишон(данд)» (Фаслномаи «Пажӯҳише дар таърих», шумораи 12, аз таърихи 21/01/ 1393 ш. мақолаи «Қавонини муғулии ҳукумати Эйлхонон дар Эрони исломӣ»; Ҷомеъу-т-таворих. – Ҷ. 2. – С. 1540. – Теҳрон: Нашри Албурз, 1373 ш.). Ориф ва шоири бузурги асри 7-8 Сайфуддин Муҳаммади Фарғонӣ воқеияти ҳол ва вазъи нобасомони давраи ҳокимияти муғулро дар қасидае чунин баён доштааст:

Дар аҷабам то худ он замон чӣ замон буд,
К-омадани ман ба сӯи мулки ҷаҳон буд!?
Бар сари хоке, ки пойгоҳи ману туст,
Хуни азизон ба сони об равон буд.

Рояти ислом саршикаста азеро,
Давлати дин пиру бахти куфр ҷавон буд.
Мардуми беақлу дин гирифта вилоят,
Ҳоли бара чун бувад чу гург шубон буд!?

Қути шабона наёфт, ҳарки кутуб хонд,
Мулки салотин бихӯрд, ҳарки авон буд.
Гашта забун чун асир ҳеҷ касонро,
Ҳарки ба аслу насаб амири касон буд.

Ман ба замоне, ки дар мамолики гетӣ,
Ҳарки батар пешвои аҳли замон буд.
Шаръи илоҳиву суннати набавиро,
Ҳарки накард эътибор, муътабар он буд.

(Девони Сайфи Фарғонӣ, гузидаи ашъор, қасоид ва қитаот, 17; Забиҳуллоҳи Сафо, Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ. 3, бахши аввал. – С. 85–86).

«Билик» (туркӣ – дониш, маърифат) навъ ва ё қисмати дигаре аз қавонин ва тавсияҳои Чингизхон ва хонҳои баъдии муғул аст, ки аз суханрониҳо, гуфтаҳо ва тавси-

Донишманди покистонӣ Акбар Субут дар муқаддимаи фарҳанги «Такмилату-л-асноф»-и Карминӣ пас аз зикри хулосавори ҳаҷми харобиҳо ва фаҷоеи инсонӣ ва фарҳангие, ки бар асари ҳамлаи муғул бар сари мардуми Мовароуннаҳр омада, меафзояд: «Масоиби мардуми минтақа ба он чи аз дасти муғулон кашиданд, хатм нашуд ва зуҳури Темур, ки аз тариқи модар насаб ба Чингиз мерасонд, бо табаҳкориҳои бесобиқаи худ хотираи муғулонро аз ёдҳо бурд ...

Пас аз Темуриён, ки сарзаминҳои Мовароуннаҳрро ба муддати бештар аз як қарн зери султа (фармонравои)-и худ доштанд, узбакон ба қудрат расиданд[1] ... (ва зуҳури онҳо) худи он (минтақа)-ро ҳар рӯз ба мушкилоти дохилӣ ва хориҷии тозае дучор сохт, чандон ки рӯзгори пас аз узбакон бахши муҳимми таърихи Мовароуннаҳр ва тамомии Туркистон гузоришҳоест аз кашмакашҳои пайваста дар миёни хонони Бухоро, Хева, Қӯқанд ва ақвоми биёбонгарди ин минтақа ва низ муборизаҳои русҳо ва чиниҳо бар сари тасарруфи ин сарзамин ва саранҷом тасаллути тадриҷии русҳо ба тамомати Туркистони Ғарбӣ, ки дар пайи он мусулмонони минтақа раияти сезорҳо шуданд ... (ва бо татбиқи барномаи тафриқа бияфкану ...) ва тикка-тикка кардани минтақа бар асоси қавмиятҳо ва нажодҳои гуногун саъй шуд равобит ва алоиқе, ки миёни он мардум навъе ваҳдат ва ягонагӣ эҷод мекард, гусехта гардад ва иртиботи мавҷуд миёни мусулмонон ба ҳадди ақал бирасад ва...

Бад-ин гуна сарзамине, ки ҷозибааш қарнҳои мутаволӣ олимони бузург ва толибилмони муштоқро аз гӯшаву канори ҷаҳони ислом ва аз мазоҳиби мухталифи исломӣ ба сӯи худ ҷалб мекард ва ҳатто як шаҳри Бухорои он – он ҳам на хеле баъд аз дучор омадан ба қатлу ғорат, оташсӯзӣ ва вайроние, ки ба дасти муғулон дар он сурат гирифт, дар як замон ҳазор толибилм дар сатҳҳои боло дошта, бисёре аз гаронбаҳотарин шоҳкориҳои назму насри исломӣ ва форсиро нависандагон ва донишварони он хитта падид овардаанд,[2] биноҳои исломӣ (ва осори меъмори)-и зиёде (мадрасаҳо, масҷидҳо, зиёратгоҳҳои уламо ва бузургони исломӣ ва...) дар он порбарҷо буд ва ҳатто аз насли муҳоҷирони он (диёр) ба дигар мамолики исломӣ басе пешвоёни дин ва донишу адаб падид омада буданд,[3] дар чунин сарзамине ислом ва фарҳанги исломии форсӣ сахт ғариб афтод, робитаи мардуми он бо дигар мусулмонон канда шуд ва ришгаи ваҳдат ва улфати онҳо бо якдигар низ кӯтоҳ гардид».[4]

Пас аз он аҳкоми қазоӣ ва расму ойини иҷтимоии муғулон андак-андак аз зинадагии мардум бадар рафт ва аҳкоми фиқҳӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва усули эътиқодии ислом бори дигар эҳё шуданд, вале осори фарҳангӣ, одоти иҷтимоӣ, эъ-

яҳои онҳо иборат буда, ба таври шифоҳӣ насл ба насл интиқол ёфтааст. Ба гуфтаи Бартолд, ба назар мерасад ин суханрониҳо, вақте худи хон мехост, китобат ва пас аз марги вай мунташир сохта мешуданд ва дар чунин ҳолат суханони худро ба шакли манзум ё ҳадди ақал бо насри қофиядор баён мекард ва дар он аз урфу одоти чиниҳо ахз кардаанд (Сочинения, том 1. – С. 89, 457). Шоёни зикр аст, ки дар осори муаррихони мусулмон порчаҳои пароканда ва гузоришҳое аз билики муғул сабт ва дар хотираи таърих нигаҳ дошта шудааст.

[1] Манзури муаллиф аз узбакон дар ин мақол сулолаҳои ҳоким, хонадонҳои фармонраво ва шахсиятҳое аз он қавм аст, ки дар гузар додани ҳаводис ва маҷрои зиндагии мардум ба ин масир ва расонидани ояндаи ақвоми сокини минтақа ба ин сарнавишт ба гунае саҳим ва таъсиргузор будаанд, на қавм ва он мардуме, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ наздик ба ҳазор сол бо ин ном мавҷудият ва зиндагӣ доранд.

[2] Ба монанди «Сиҳоҳу-л-луғат» таълифи Абунасри Ҷавҳарӣ аз осори садаи чаҳоруми ҳиҷрӣ, асли муаллиф аз Фориёб буда ва китобаш аз беҳтарин фарҳангномаҳои забони арабӣ ва муътабартарин марҷаи луғавӣ ба шумор меравад, «Асосу-л-балоғат»-и Ҷоруллоҳи Замахшарии Хоразмӣ, «ал-Убобу-з-зохир»-и Разиюддин Ҳасани Саѓони (Чаѓони)-и Мовароуннаҳрӣ, ки фарҳанге бас бузург ва дар бист ҷилд навишта шудааст, «Девону-л-адаб фӣ баёи лу-ѓати-л-араб» аз Абуиброҳим Исҳоқи Форобии Самарқандӣ ва ѓ. (Алӣ ибни Муҳаммад ибни Саъид маъруф ба Адиби Карминӣ, Такмилату-л-асноф, муқаддима (бо эҳтимоми Алӣ Равоқӣ). – Ҷ. 1. – С. 155 – 156. – Теҳрон, 2006). Инҳо ба қавли маъруф: Муште аз харворанд, ки аз осори адабӣ, фарҳангӣ ва мафохири илмии фарзандони ин сарзамин дар муқаддимаи «Такмилату-л-асноф» барои намуна зикр гардиданд.

[3] Ба монанди Амир Хусрави Деҳлавӣ – машҳуртарин шоири форсизабони шибҳи қорраи Ҳинд, ки адиб, муншӣ, муаррих, мусиқидон ва орифи номовар низ буда, асли ӯ аз шаҳри Кеш (Шаҳрисабз) аст (Ҳамонҷо).

[4] Ҳамонҷо. – С. 153–155. Бо каме тасарруф дар ибораҳо.

Мурод аз ин ҳама тафсил дар баёни ин марҳалаи фиқҳи исломӣ он аст, ки хонанда хуб дарк намоянд, ки тамаддуни исломӣ дар он мақтаи таърихӣ бо чӣ мусибат ва фоҷеае мувоҷеҳ гардида, авомил ва заминаҳои рукуду истоии он дар умум ва камбории ҳавзаи фиқҳи он бахусус чӣ будаанд!?

тиқодоти хурофӣ ва вожаҳое аз адабиёти онҳо дар ин ҷавомеъ ҳанӯз ба андозае боқист.

Пас табиист, ки фақеҳони ин давра дигар на манбаъҳои илмии гузаштаро ба таври кофӣ дар ихтиёр доштанд ва на аз ҳимояи кофӣ ва дар сатҳи давлатӣ бархӯрдор буданд. То он ки туркони Усмонӣ дубора хилофати исломиро барқарор намуданд ва дар даврони онҳо тамаддун ва фарҳанги исломӣ, аз ҷумла фиқҳ, дубора рӯ ба шукуфоӣ ниҳод.

Бинобар ин, дар давраи панҷум ба андозаи даврањои пешин мухтасару матнҳо ва шарҳҳои пуразриш навишта нашуданд, балки аксари талошҳои илмии фақеҳон ва дастовардҳои донишварони ин давра дар навиштани ҳошияҳову поварақиҳо хулоса мешуд. Ҳатто барнома ва усул (метод)-и таълимие, ки мувофиқ ва ҳампои аср бошад, камтар мушоҳида мешуд. Танҳо дар давраи хилофати исломии туркҳо, чуноне ишора шуд, тамаддуни исломӣ дубора рӯ ба шукуфоӣ ниҳод ва донишмандони фиқҳи исломӣ ба дастовардҳои нисбие ноил гардиданд.

6. Давраи пас аз муғул

Мазҳаби ҳанафӣ ҳамон гуна ки дар даврони хилофати Аббосиён мазҳаби расмии давлатӣ ба шумор мерафт, дар даврони хилофати исломии туркҳо низ мақоми худро ҳифз кард, ба хусус пас аз фармоне, ки Султон Салим содир намуд, мазҳаби ҳанафӣ мазҳаби расмии тамоми сарзаминҳои қаламрави хилофат ба шумор мерафт.

Дар тӯли наздик ба ҳазор сол дар даврони ду хилофат, бо он ки мактаби фиқҳии ҳанафӣ ба унвони мазҳаби расмӣ амал мекард, вале ҳеҷ гуна фишори динӣ ва таассуби мазҳабие аз ҷониби тарафдорони он нисбат ба пайравони дигар мазҳабҳои исломӣ, ҷуз дар мавридҳои хоссе, ки омилҳои таърихие ба он сабаб гардида, сурат нагирифтааст.

Ду омили муҳим, яке мақоми расмӣ доштани мазҳаб дар муддати наздик ба ҳазор сол, дуввум, тавонмандии роҳбарони садри аввал ва даврони дуюми он, ҳамчунин, ғановати нерӯҳои фикрӣ дар онҳо боиси интишори васеи он дар ҷаҳони ислом ва ба вуҷуд омадани мероси гаронбаҳои фиқҳии он гардид, коре, ки ҳаргиз барои дигар мазҳабҳои аҳли суннат имконоти он фароҳам нагардидааст.

Аз ҳамин ҷост, ки бештар аз нисфи мусулмонони ҷаҳонро пайравони мазҳаби ҳанафӣ ташкил медиҳанд.

7. Давраи дуюми рукуд ва истоӣ

Ҳамзамон бо Ренессанс, таҳаввулоти саноатӣ ва истеъморгариҳои кишварҳои аврупоӣ миллатҳои мусулмон дар гӯшаву канори ҷаҳон рӯ ба заъфу сустӣ ниҳоданд. Шинохтҳо ва дилбастагии мардум ба дин ва мероси фарҳангии худ зери таъсири омилҳои гуногун кам-кам шукуфоӣ ва гармии аввалаи худро аз даст дод ва ин сарзамини паҳновар аз дохил ба парокандагӣ ва рукуд рӯ ба рӯ ва заминаҳои нуфуз ва истеъмори кишварҳои аврупоӣ бар онҳо аз дохил фароҳам гардиданд. Дар чунин вазъе кишварҳои аврупоӣ ба шикастани болу пари уммати Ислом пардохтанд ва таҳоҷуми онҳо дар ниҳоят тамоми сарзаминҳои исломиро фаро гирифт ва имрӯз тамоми авзои нобасомон ва ҳолати буҳроние, ки дар он дасту по мезананд, осор ва пайомади ҳамон лаҳзаи ғафлат мебошад.

Рафтам, ки хор аз по кашам, маҳмил ниҳон шуд аз назар.
Як лаҳза ғофил мондаму садсола роҳам дур гашт.

(Малики Қумӣ, маъруф ба Маликулкалом)

Дар ибтидои асри бист, ба хусус пас аз хотимаи ҷанги ҷаҳонии аввал ва суқути хилофати исломии усмониён мусулмонон ба пасттарин нуқтаи заъф ва таназзули худ расиданд. Дигар кишвари исломие набуд, ки ба василаи бегонае ишғол нагашта ва ё зери нуфуз ва сиёсати яке аз қудратҳои истеъморӣ нарафта бошад.

Бо ҳамин, фарҳанг ва тамаддуни исломиро ҳолати рукуд ва мусулмононро раванди бегонагардӣ (бохти маънавӣ) фаро гирифт. Осор ва нишонаҳои тамаддуни динӣ дар баъзе кишварҳои исломӣ ба куллӣ маҳв ва ҳар гуна иртиботе бо гузашта комилан манъ (цензура) карда шуд. Ин сиёсати динзудоӣ дар кишварҳое, ки ба чанголи болшевикон афтода буданд, ба таври ваҳшатборе ба мавриди иҷро гузошта шуд. Дар кишварҳое, ки аз сӯи ҷаҳони сармоядорӣ тасхир шуда буданд, дин ба гунае ба маҷроии сиёсатҳои онҳо дароварда ва дар ростои сиёсатҳои истеъмории онҳо безарар гардонида шуд.

Ҳарчанд бедории нисбии фикрӣ ва ҳаракатҳои

илмӣ-диние дар ин давра дар байни миллатҳои мусулмон мушоҳида мешуданд, вале дар умум ин давра марҳалаи рукуди комили тамаддуни исломӣ ба шумор меравад. Ин ҳолат то солҳои панҷоҳум ва шастуми асри бист ҳамчунон идома дошт, то он ки муборизаҳои истиқлолталабонаи миллатҳои африқоӣ ва осиёӣ бар зидди истеъморгарони ғарбӣ шиддат гирифт ва ин кишварҳо яке пас аз дагаре ба истиқлол даст ёфтанд.

Барномаҳои таълимии аз худ бегонасозӣ ва фарҳанги масхи асолати миллӣ ва ҳувийяти маънавӣ дар ин давраи истеъмор то андозае дар зеҳнияти миллатҳои мусулмон таъсир гузошт, ки ба бохти маънавӣ, фурӯпошии ваҳдати фикрӣ ва фарҳангии бахше аз онҳо ва зуҳури насле аз равшанфикрони ғарбзада ва таҳсилкардагони ғарбгаро анҷомид. Дар чунин фазои ошуфтаи фарҳангӣ ва муҳити носолими фикрӣ табақае аз намояндагон ва мардони дин, гурӯҳҳо ва равияҳое бо пӯшиши динӣ низ дар ҷаҳони ислом, ба мисли қодиёния дар Ҳинд, ба вуҷуд омаданд, ки тангназарӣ, фирқагароӣ, таассуби бемаъно, надоштани шинохти кофӣ аз барномаҳои созандаи Ислом ва сахтгирӣ дар чизҳои ғайри ҳатмӣ қолаби афкори онҳоро ташкил медоданд. Мушкилтар он буд, ки сиёсати диншиносии ғарбӣ инҳоро дар баъзе кишварҳо ба номи равшанфикрони исломӣ ва аз нухба (элита)-и фикрӣ ва фарҳангии ҷомеа муаррифӣ мекард ва дар ҷойҳое ба посдорони исломи суннатӣ (традитсионӣ) ва намояндагони расму ойини аҷдодӣ даромехта ва ба ин ном ба мардум мешиносонд, дар ҳоле ки намояндагони асили исломи суннатӣ нигаҳдорандагони асолати фарҳанги динӣ ва посдорони ҳувийяти миллии ҷомеа ҳастанд, ки ба пешрафти ҳеҷ гуна илму маърифати башарӣ мухолифате надоранд ва талаби илм дар ҷомеаи исломӣ дар ҳама давру замон аз сӯи тамоми ҳувийятҳои гуногуни фикрӣ ва мактабӣ тарғиб мешуд.

Аз се қарн ин уммат хору забун,
Зинда бе сӯзу сурури андарун.

Шайхи ӯ лурди фарангиро мурид,
Гарчи гӯяд аз мақоми Боязид.[1]

Гуфт динро равнақ аз маҳкумӣ аст,
Зиндагонӣ аз худӣ маҳрумӣ аст.

Давлати аҳёрро раҳмат шумурд,
Рақсҳо гирди калисо карду мурд.

Эй тиҳӣ аз завқу шавқу сӯзу дард,
Мешиносӣ асри мо бо мо чӣ кард!?
Асри мо моро зи мо бегона кард,
Аз ҷамоли Мустафо бегона кард.

(Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёт)

8. Давраи эҳё ва таҷдид

Пас аз он эҳёи дубораи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ аз нав оғоз гардид ва то имрӯз идома дорад. Гарчи он ҳанӯз даврaҳои шаклгирии худро аз сар мегузаронад, вале пешрафтҳои илмӣ ва дастовардҳои нисбие дар бахшҳои гуногуни тамаддуни исломӣ ба чашм мехӯранд.[2]

*** ***

Ба ақидаи муҳаққиқон сатҳи тавоноиҳои иҷтиҳодии муҷтаҳидон дар адвори гузаштаи фиқҳи мазоҳиб гуногун буда, онҳо ба таври умумӣ бар ҳафт мартаба қарор доранд ё ба ҳафт

[1] Манзури аллома Иқбол аз шайхе, ки муриди лорди фарангӣ аст, онҳоанд, ки фирефта ва бохтаи фарҳанги ғарбӣ гашта ва ба коргузорони истеъмор навъе вобастагӣ пайдо кардаанд, на ҳамаи мардуми мусулмон ва пешвоёни динӣ. Вай дар баробари ин гурӯҳ аз пирони комил ва шайхони воқеӣ ҳимоя ва ситоиш мекунад, мас., пири Румро бо авсофе чун «муршиди аҳли назар», «соҳиби зикри ҷамил», «муршиди равшанзамир» ва ғ. ситоиш кардааст.

[2] Аҳмади Шалабӣ. Таъриху-т-ташреъи-л-исломӣ ва таъриху-н-нузуми-л-қазо-ияти фи-л-ислом. – Қоҳира, 1976; Мустафо Аҳмад аз-Зарқо. ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва мадорисуҳу. – Димишқ, 1995; Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб. ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ. – Риёз, 2001; Муҳаммад Ҳузарибек. Таъриху-т-ташреъи-л-исломӣ. – Бейрут, 1967; Умар Сулаймон ал-Ашқар. ал-Мадхал ила-ш-шариати вал-фиқҳи-л-исломӣ. – Аммон, 2005; Умар Сулаймон ал-Ашқар. Таъриху-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Кувайт; Аҳмад Саъид Ҳавво. ал-Мадхал ило мазҳабил имом Абиҳанифата ан-Нуъмон. – Ҷадда, 2002; Муҳаммад Мустафо аш-Шалабӣ. ал-Мадхал фи-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Бейрут, 1985; Муҳаммад Салом Мадкур. ал-Мадхал ли-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Кувайт, 1966; Абдулҳодӣ ал-Фазлӣ. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ. – Бейрут, 1992; Манноъ Халил ал-Қаттон. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ. – Риёз, 1996; Муҳаммад Дасуқӣ. Муқаддаматун фӣ диросати-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Қатар, 1999; Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Ҷ. 1, ҷузъу 3. – С. 51–54. – Риёз, 1991; Абулқосими Гурҷӣ. Таърихи фиқҳ ва фуқаҳо. – Теҳрон, 1388 ш.; Карл Брукелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. – Қоҳира, 1959.

табақа тақсим мешаванд:[1]

1. Табақаи муҷтаҳидони дар шарҳ, ба монанди пешвоёни чаҳоргонаи асҳоби мазоҳиб: а) имом Абуҳанифа (80–150 ҳ./699–767 м.), б) имом Молик (93–179 ҳ./712–795 м.), в) имом Шофеъӣ (150–204 ҳ./767–820 м.), г) имом Аҳмад (164–241 ҳ./780/781–855/856 м.) ва касоне, ки дар бинои қоидаҳои усулӣ роҳи эшонро паймуда ва дар истинботи аҳкоми фаръии шарҳ равиши хоссе доштаанд.

Аҳли ин табақа аз муҷтаҳидони мутлақ ва бузургони аиммаи дин буда, ҳам поягузорони мазҳабҳои маъруф ва мутадовили фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом ва ҳам пешвоёни мазҳабҳои мунқариза – аз байн рафта, ба монанди Авзоъӣ (рҳ) дар Шом, Лайс ибни Саъд (рҳ) дар Миср, Ибни Абулайло (рҳ) ва Суфёни Саврӣ (рҳ) дар Ироқ, Иброҳим ибни Холиди Калбӣ маъруф ба Абусавр (рҳ), Ибни Хузаймаи Нишопурӣ (рҳ), Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (рҳ) ва ғайри онҳоро шомил мебошад. Дигар аиммаи фиқҳ ва пешоҳангони андешаи динӣ аз кибори тобеин ва атбои онҳо, ки пеш ва ё ҳамасри ин муассисон гузашта ва ба гунае истиқлоли иҷтиҳодӣ ва равиши хоссе дар истинботи аҳкоми фаръии шарҳ доштаанд ва ҳамин тавр муҳаддисони бузурге, ки ба истинботи аҳком пардохта ва дар он ба касе пеш аз худ

[1] Ҳадаф аз арзёбии тавоноиҳои илмии фақеҳони мазҳаб, шинохти имконоти иҷтиҳодии эшон ва ҷудо кардани онҳо ба табақоти гуногун, чуноне худи Камолбошо қайд карда, он аст, ки қозиён, муфтиён, пажӯҳишгарони фиқҳи исломӣ ва ҳар каси дигаре, ки ба гунае ба ин соҳа таваҷҷуҳ дорад, дар бораи маърифати ривоии гӯяндаи ҳар қавл, дараҷаи дироят ва табақаи вай дар байни фуқаҳо шинохти кофӣ дошта, дар тамйиз – фарқ гузоштани байни ривоятҳои мухталиф ва тарҷеҳи ақволи мутаоризи фуқаҳои мазҳаб бар кори худ огаҳӣ ва дар он аз рӯи маърифат пеш раванд (Рад ба нақл аз баъзе расоили Камолбошо. – Ҷ. 1. – С. 181; Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб, ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ, мароҳилуҳу ва табақотуҳу ...).

Аввалин бор муҳаққиқи ҳанафӣ Ибни Камолбошо (ваф, 940 ҳ./1534 м.) ба табақабандии муҷтаҳидон ва тақсими дараҷоти фақеҳони ҳанафӣ пардохта, сатҳи тавоноиҳои илмӣ ва мартабаи иҷтиҳодии онҳоро дар рисолае бо номи «Табақоту-л-муҷтаҳидин» ва китобе бо номи «Табақоту-л-фуқаҳо» арзёбӣ ва мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин тақсими вай аз назари усулӣ мавриди таъйид ва таҳсини аксари муаллифон ва муҳаққиқони баъдии мазҳаб, ба монанди Ибни Обидин ва асҳоби табақот қарор гирифтааст, гарчи дар ҷой додани номи баъзе фуқаҳои муҷтаҳид дар ҷадвали табақоте аз он дар миёни коршиносон ихтилофи назар ва гуногунраъйӣ вуҷуд дошта, амре, ки аз мушкил будани ташхиси сатҳи илмӣ ва таъйини дараҷаи иҷтиҳодии шахсиятҳои аълом ва пешвоёни илму андешаи динӣ сарчашма мегирад, на аз асл ва шакли ҷадвали тақсими номбурда, зеро маърифати мартабаи илмии фуқаҳои бузург ва шинохти зарфиятҳои иҷтиҳодии аиммаи илм корест бас мушкил. Ибни Обидин дар муқаддимаи китоби машҳури худ «Раду-л-мӯҳтор» маъруф ба «Ҳошияи Ибни Обидин» (Ҷ. – 1. – С. 181–184) ва дар рисолаи «Шарҳу Уқуди расми-л-муфтӣ» (С. 6–7) онро зикр ва мавриди таъйид қарор додааст. Баъзе асҳоби табақот ва шарҳиҳолнигорони ҳанафӣ, ба монанди Тош Кубризода дар китоби «Табақоту-л-фуқаҳо», Кафавӣ дар китоби «Катоибу аъломи-л-ахёр», Тамимӣ дар «Табақоту-с-санийя фӣ тароҷими-л-ҳанафийя» ва дигарон низ онро ба нақл аз рисолаи Ибни Камолбошо зикр ва таъйид кардаанд (Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб. ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ, мароҳилуҳу ва табақотуҳу...), ҳатто Фуод Сезгин дар «Таъриху-т-туроси-л-арабӣ» зиндагонӣ ва шарҳи аҳволи уламоро бар пояи ҳамин табақот ба таҳрир даровардааст.

Тане чанд аз муҳаққиқон, ба монанди Ҳорун ибни Баҳоуддин маъруф ба Шиҳобуддини Марҷонӣ дар китоби «Нозурату-л-ҳақ фӣ фарзийяти-л-ишои ва ин лам яғиби-ш-шафақ» (С. 56 – 65. – Қазон, 1870), Муҳаммадбахити Мутеъӣ дар китоби «Иршоду аҳли-л-милла фӣ исботи-л-аҳилла» (С. 365–377) ва Зоҳиди Кавсарӣ дар китоби «Ҳусну-т-тақозӣ фӣ сирати Абиюсуфа-л-Қозӣ» (С. 24–27 ва 84–94) тақсими мазкурро ҳам дар тартиби табақот ва ҳам дар тақсим ва ҷой додани муҷтаҳидон дар он комилан нодуруст ва аз асл бемаврид донистаанд. Абдулҳай Лакҳнавӣ низ дар баъзе таълифоташ, ба монанди «ал-Фавоиду-л-баҳийя», «ат-Таълиқоту-с-санийя», муқаддимаи «Умтаду-р-риоя» ва «ан-Нофеъу-л-кабир» бо лаҳни эътирозӣ ба он бархурд ва ба унвони нақд ба маворидаз он ишора кардааст, ки дар умум ба ташхиси сатҳи илмӣ ва таъйини дараҷаи иҷтиҳодии баъзе фақеҳон бармегарданд. Муҳаммад Абузуҳра низ онро дар китоби Абуҳанифа: ҳаётуҳу ва асруҳу, ороуҳу ва фиқҳуҳу (С. 384–388) мавриди интиқод қарор додааст (Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб. ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ, мароҳилуҳу ва табақотуҳу ...).

Аксари муҳаққиқон ва донишмандони мазоҳиби дигари фиқҳӣ низ ин тартиби табақотро мавриди таъйид қарор дода, бар асоси он, чуноне дар муқаддимаи «ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя» зикр шуда, ба арзёбӣ ва табақабандии дараҷаи иҷтиҳодӣ ва сатҳи илмии фақеҳони мазоҳиби худ дар адвори гузаштаи он пардохтаанд (ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя. – Ҷ. 1. – С. 34–37). Фақеҳони ҳар табақаи он мазоҳиб дар китобҳои марбута, он гуна ки дар муқаддимаи «ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя» мушоҳида мешавад, зикр шудаанд, ки мо аз ҷиҳати ихтисоси мавзӯъ ба табақоти муҷтаҳидони мазҳаби ҳанафӣ аз зикри номи онҳо сарфи назар намудем.

тақлид накардаанд, ба монанди имом Бухорӣ, Исҳоқ ибни Роҳвайҳӣ (Роҳуя),[1] Доримии Самарқандӣ, Бақӣ ибни Махлади Андалусӣ ва дигарон, аз ҳамин табақаи муҷтаҳидон ба шумор мераванд.[2]

Вижагӣ ва бартарияти аҳли ин табақа бар фақеҳони табақоти баъдӣ дар он аст, ки онҳо бо нубуғи фитрӣ, малакаи фоиқи илмӣ ва фақоҳати камназире, ки доштанд, ба таъсиси қавоид, бинои усул ва поягузории равиши хоссе барои истинбот – коркарди аҳкоми фиқҳӣ пардохта, бар пояи ҳамон усул ва қавоид аҳкоми фаръии шаръро аз далелҳои тафсилиашон дар сарчашмаҳои аввали он Китоб ва Суннат истинбот намудаанд. Коре, ки фақеҳони табақоти баъдӣ анҷом додаанд, истинботи аҳком дар масоили тоза бар пояи ҳамон қавоиди муҷтаҳидони табақаи аввал, тахриҷи масоил ва тарҷеҳи ривоятҳои воридшуда аз табақаи аввал ё ташхиси таорузи мавҷуд дар баъзе ривоятҳо ва тамйизи қавӣ ва заъиф дар миёни онҳо дар чаҳорчӯби он қавоид ва бо ҳифзи масоили мазҳаб буда, на таъсиси қавоид ва усули ҷадид (ки дар урф ба он мазҳаб гӯянд) ва истинботи бевоситаи аҳком аз сарчашмаҳои аввали шаръ.

2. Табақаи муҷтаҳидони дар мазҳаб, ба монанди имом Абуюсуф (113–182 ҳ./731–798 м.), имом Муҳаммад ибни Ҳасан (131/132–189 ҳ./748–804 м.), имом Зуфар (110–158 ҳ./728–775 м.), имом Ҳасан ибни Зиёд (116–204 ҳ./735–819 м.), имом Ҳаммод ибни Абуҳанифа (ваф. 176 ҳ./793 м.) ва дигар шогирдони зубдаи имом Абуҳанифа (рҳ), ки бар истинботи аҳкоми шаръӣ аз далелҳои тафсилиашон бар асоси қоидаҳои мазҳаб қодир буданд, гарчи дар баъзе аҳкоми фурӯъ бо устодашон Абуҳанифа (рҳ) назари мухолиф доштанд. Аҳли ин табақа тавоноии иҷтиҳод дар масоили дохили мазҳабро бар асоси қавоид ва усули соҳиби мазҳаб доштанд.

Чӣ тавре пештар зикр кардем, аксари муҳаққиқони озод бар ин ақидаанд, ки имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) аз табақаи муҷтаҳидони дар шаръ, дар истинботи масоил бо имом Молик, имом Шофеъӣ ва дигарон ҳамсатҳ ҳастанд ва дар иҷтиҳод бо онҳо ҳампой доранд, гарчи дар аксари усули фиқҳӣ ба назароти устоди худ Абуҳанифа (рҳ) мувофиқ ва онро қабул доштаанд.[3]

---

[1] Самъонӣ ӯро Роҳуйӣ (ба ҷои Роҳуя) гуфта, дар сираи вай овардааст: Имоми номӣ ва машҳур аз аҳли Марв, ки дар Нишопур сукунат гузид. Вай аз аиммаи матбӯъ (соҳибмазҳаб ва пайрав), ки ақвол ва ихтиёрот (-и фиқҳӣ)-е дошта ва аз акрон (ҳамтоён)-и Аҳмад ибни Ҳанбал буд (Самъонӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад. ал-Ансоб. – Ҷ. 6. – С. 60. – Қоҳира, 1980). Ибни Касир мегӯяд: Исҳоқ ибни Роҳвайҳӣ имоми муттабаъ буд, тоифае аз вай пайравӣ ва бар маслаки вай мерафтанд, ки ба онҳо «исҳоқия» гуфта мешуд (Аҳмад Муҳаммад Шокир. ал-Боъису-л-ҳасис, шарҳу Ихтисори улуми-л-ҳадис. – С. 204. – Қоҳира: Дору-т-турос, 1979; Абдулғафур, Абдулҳақ ал-Балушӣ. ал-Имом ибну Роҳвайҳӣ ва китобуҳу-л-Муснад. – С. 197. – Мадинаи мунаввара: Мактабату-л-аймон, 1990).

[2] Иҷтиҳод қабл аз давраи таъсиси мактабҳои фиқҳӣ, яъне аз замони саҳобаи киром ва пас аз онҳо вуҷуд дошт. Онҳо бар асоси дарки амиқ ва иҳотае, ки ба фарҳанги қонунгузории ислом ва шинохти комиле, ки аз ҳадафҳо ва мақсадҳои аҳкоми шариат доштанд, дар масоили шаръӣ ба иҷтиҳод ва ибрози назар мепардохтанд. Аксари қавоиди фиқҳӣ ва василаҳои иҷтиҳод, ба монанди қиёс, дар замони онҳо низ вуҷуд доштанд, вале ҳанӯз ба сурати низоми равишманди иҷтиҳодӣ надаромада буданд. Фуқаҳои саҳоба ҳар яке бо равиши хосси худ ба иҷтиҳод мепардохт ва қавоид ё усули фиққиеро ба кор мебурд, ки равиши кор ва ақволи иҷтиҳодии эшон раҳкушои муҷтаҳидони баъдӣ қарор гирифтанд ва бахше аз низоми иҷтиҳодӣ – мактабҳои фиққии онҳоро ба вуҷуд оварданд. Ин равиши иҷтиҳод, ки бар асоси дарки амиқ ва иҳотаи комил ба фарҳанги қонунгузории исломӣ сурат мегирифт, ҳамчунон идома дошт ва дар замони таъсиси мактабҳои фиқҳӣ низ аз сӯи муҳаддисон пайгирӣ мешуд.

Баъзе уламои мазҳабҳои фиқҳӣ кӯшидаанд, ки муҳаддисони бузурги ҷаҳони исломро пайрав ва мансуб ба мазҳаби худ муаррифӣ кунанд, ки имом Бухорӣ низ аз ин қазоватҳо берун намондааст. Тоҳири Ҷазоирӣ мегӯяд: Бухорӣ ва Абудовуд аз аиммаи фиқҳ ва аҳли иҷтиҳод (муҷтаҳид дар шаръ) буданд. Аммо Муслим, Тирмизӣ, Насоӣ, Ибни Моҷа, Ибни Хузайма, Абуяъло, Баззор ва амсоли онҳо бар мазҳаби аҳли ҳадис буданд, на муқаллиди яке аз уламо (-и муҷтаҳид) биайниҳи буданд ва на аз муҷтаҳидони мутлақ, балки ба қавл (назароти иҷтиҳоди)-и аҳли ҳадис, ба мисли Шофеъӣ, Аҳмад, Исҳоқ, Абуубайд ва амсоли онҳо, гароиш доштанд. Онҳо ба мазоҳиби аҳли Ҳиҷоз аз мазоҳиби аҳли Ироқ моилтар буданд (Тоҳир Алҷазоирӣ, ад-Димашқӣ. Тавҷеҳунназар ило усули-л-асар. – Ҷ. 1. – С. 438. – Бейрут, 1995). Муҳаққиқоне, аз қабили Анваршоҳӣ Кашмирӣ, Тақиюддини Надвӣ, Мавлоно Закарийё ва дигарон низ, ин назари Ҷазоириро дар бораи имом Бухорӣ таъйид ва вайро аз муҷтаҳидони мутлақ донистаанд (Тақиюддин Мазоҳирии Надвӣ. Мафохири илми ҳадис ва шоҳкориҳои илмии онон (тарҷимаи Саломӣ, Назираҳмад). – С. 160–161. – Зоҳидон: Интишороти Форуқи Аъзам, 1390 ш.; Муҳаммаданвар ал-Кашмирӣ. Файзу-л-Борӣ ало Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 1. – С. 53. – Бейрут, 2005).

[3] Шиҳобуддини Марҷонӣ, Зоҳиди Кавсарӣ ва онҳое, ки ба тақсими табақоти Ибни Камолбошо мухолифанд,

3. Табақаи муҷтаҳидон дар масоиле буданд, ки аз соҳиби мазҳаб дар бораи онҳо нассе (ривояти муайянкунандае) ворид нашудааст. Онҳо муҷтаҳидони табақае болотар аз аҳли тахриҷ буданд, ба монанди Абубакри Хассоф (181–261 ҳ.), Абуҷаъфари Таҳовӣ (239–321 ҳ.), Абулҳасани Кархӣ (260–340 ҳ.), Шамсулаиммаи Ҳалвонӣ (в. 454 ҳ.), Шамсулаиммаи Сарахсӣ (в. 490 ҳ.), Фахрулислом Абулҳасани Баздавӣ (400–484 ҳ.), Бурҳонуддин соҳиби «Захира» ва «Муҳит» (551-616 ҳ.), Шайх Тоҳири Бухорӣ соҳиби «Хулосату-л-фатово» (482–542 ҳ.), Фахруддин Қозихон (в. 592 ҳ.) ва ғ.[1]

Аҳли ин табақа бар мухолифати асосҳои мазҳаб на дар усул ва на дар фурӯъ қодир набуданд, аммо дар масоиле, ки аз соҳиби мазҳаб дар бораи онҳо ривоят ва қавле ворид нашудааст, метавонистанд бар асоси қоидаҳои мазҳаб иҷтиҳод ва истинботи аҳком намоянд.[2]

4. Табақаи асҳоби тахриҷ буданд ва онҳо муҷтаҳидони муқаллид, яъне ғайри мустақил ва ё нимамустақил ба шумор мераванд, ба монанди Абубакр Ҷассоси Розӣ (305–370 ҳ.), Абуабдуллоҳи Ҷурҷонӣ (в. 398 ҳ.), Абузайд Даббусии Самарқандӣ (в. 430 ҳ.) ва ғ.

Асҳоби ин табақа, ба гуфтаи Ибни Камолбошо, аслан қудрати ҳеҷ гуна иҷтиҳодеро надоранд, вале бо иҳотае, ки бар усул ва забти сарчашмаҳо доштанд, метавонистанд суханони муҷмали дуваҷҳа ва аҳкоми мубҳами дуэҳтимолаеро, ки аз соҳиби мазҳаб ва ё яке аз асҳобаш ривоят гардидааст, бо руҷуъ ба усул ва муқоисаи фурӯъ ба он шарҳу тафсил диҳанд. Сухани соҳиби «Ҳидоя»: *Дар тахриҷи Розӣ чунин аст* ва ғ. аз ин қабил мебошад.[3]

5. Табақаи муҷтаҳидони асҳоби тарҷеҳ ва истидлол буданд, ба монанди Абулҳасани Қудурӣ (362–428 ҳ.), соҳиби «Ҳидоя» Бурҳонуддини Марғинонӣ (530–593 ҳ.), Баҳоуддини Исбиҷобӣ (452–535 ҳ.), Ибни Камолбошо (в. 940 ҳ.), Абулҳасани Узгандӣ ва ғ. Асҳоби ин табақаи муҷтаҳидон бо зикри адиллаи ҳар қавле ба баёни бартарият ва тарҷеҳи баъзе ривоятҳо бар баъзе дигар қодир буданд. Намунаи истидлол ва суханони тарҷеҳиашон: Ин беҳтар (авло) аст; ин саҳеҳтарин ривоят аст; ин барои мардум осонтар аст ва ғ. аст.[4]

имомони бузурги ҳанафӣ: Абуюсуф (рҳ), Муҳаммад (рҳ) ва Зуфар (рҳ)-ро аз муҷтаҳидони дар шарҳ ва ҳампой аиммаи асҳоби дигар мазҳабҳои фиқҳӣ медонанд ва ба гуфтаи Марғонӣ: Шаъни ин аимма дар фиқҳ агар аз Молик (рҳ) ва Шофеъӣ (рҳ) болотар набошад ҳам, аз онҳо поёнтар нест (Нозурату-л-ҳақ. – С. 57).

Таҳқиқоти илмӣ ва баррасии омории масоили мазҳаб низ нишон медиҳанд, ки онҳо равиши хос ва қавоиде барои истинботи аҳком надошта, балки дар чаҳорчӯби усул ва қавоиде аз таъсиси устодашон Абуҳанифа (рҳ) ба иҷтиҳод ва коркарди аҳком аз сарчашмаҳои аввали шарҳ пардохтаанд. Дар матнҳои фиқҳӣ масоил ва аҳкоме вуҷуд доранд, ки дар онҳо ба қавл ва назари иҷтиҳодии ин аимма амал мешавад ва назароти фиқҳии эшон ҳаҷми наздик ба сӣ дарсади масоил ва аҳкоми фиқҳии мазҳабро ташкил медиҳанд.

Аҳли ин табақа наслҳои аввал ва ба гуфтаи Абдулҳай Лакҳнавӣ, табақаи мутақаддимини асҳоби мо – муҷтаҳидони мазҳаби мо ҳанафиён ҳастанд (ан-Нофеъу-л-кабир лиман ютолиу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. С. 8. – Карочӣ, 1990).

[1] Марғонӣ Хассоф, Таҳовӣ ва Кархиро аз муҷтаҳидони тавоно, наздик ба сатҳи илмии фақеҳони мутлақ ва болотар аз он медонад, ки қудрати мухолифат ба усули мазҳаб ва ақволи ривоятшуда аз поягузори он Абуҳанифа (рҳ)-ро надошта бошанд (Нозурату-л-ҳақ. – С. 60–61).

[2] Таҳқиқи масоил ва ковишҳои илмӣ дар таълифоти ин муҷтаҳидон нишон медиҳанд, ки фақеҳони зикршуда дар ин табақа, гарчи равиши хосси иҷтиҳодӣ ва ё қавоид ва усуле барои истинботи аҳком аз сарчашмаҳои аввали шарҳ надошта, вале бо малакаи тавонои илмӣ ва фақоҳати фарогире, ки дар улум ва фарҳанги исломӣ доштаанд, ҳам дар масоиле, ки аз поягузорони мазҳаб дар бораи онҳо қавл ва назари фиқҳие ривоят нашуда ва ҳам дар масоиле, ки миёни ақволи мавҷуд дар мазҳаб ва нусуси шарҳ аз ҷиҳати заъфу қувват ва субути санади ривоятҳо таорузе вуҷуд дошта, ба иҷтиҳод ва истинботи аҳком аз сарчашмаҳои аввали шарҳ, тарҷеҳи ривоятҳо бар якдигар ва дафъи таорузи мавҷуд миёни онҳо пардохтаанд. Ва дар мавридҳое бо ақвол ва назароти фиқҳии муассисони мазҳаб мухолифат ҳам кардаанд. Ин бозтоб, ба хусус дар осор ва таълифоти Абуҷаъфари Таҳовӣ (рҳ), ба вузуҳ намудор аст. Ба назар мерасад, ки малакаи илмӣ, фақоҳат ва зарфиятҳои иҷтиҳодии онҳо дар сатҳи имконоти иҷтиҳодӣ ва тавоноиҳои илмии васфшуда барои табақаи дуюми муҷтаҳидон қарор доштааст. Абдулҳай Лакҳнавӣ аҳли ин табақаро акобири мутааххирин аз фақеҳони мазҳаб гуфтааст (ан-Нофеъу-л-кабир лиман ютолиъу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. С. 8).

[3] Марғонӣ Ҷассоси Розиро низ муҷтаҳиди тавоно ва болотар аз он фақеҳоне дониста, ки дар табақаи қаблӣ зикр шудаанд, ба монанди Шамсулаиммаи Ҳалвонӣ, Шамсулаиммаи Сарахсӣ ва дигарон ва ҳамаро аз шогирдон ва наслҳои парвардаи мактаби вай пас аз ӯ гуфтааст. Вай ин гуфтаро, ки Ҷассос аслан иҷтиҳоде карда наметавонад, ба шиддат рад кардааст (Нозурату-л-ҳақ. – С. 61–63).

[4] Марғонӣ мартабаи илмӣ ва сатҳи фақоҳати Қудурӣ ва Соҳиби Ҳидояро болотар аз табақаи аҳли тарҷеҳ ва

Бар фақеҳони табақаи 3, 4 ва 5 низ ба ҳақ унвони муҷтаҳид итлоқ мегардад, зеро корҳои илмие, ки дар соҳаи фиқҳ анҷом додаанд, дар сатҳҳои мутафовите иҷтиҳод ба шумор мераванд. Аммо аҳли ду табақаи баъдӣ танҳо фақеҳоне ҳастанд, ки ба нақли масоили мазҳаб сари кор доранд.

6. Табақаи фақеҳони муқаллид ва ҳофизони масоили мазҳаб, ки бар фарқ намудани қавитар аз қавӣ ва заъиф, зоҳири мазҳаб, зоҳири ривоят ва ривояти нодир қодир ҳастанд, ба монанди соҳибони матнҳои муътабар аз мутааххирин ба мисли матнҳои чаҳоргона: соҳиби «Канзуддақоиқ» Ҳофизуддини Насафӣ Абулбаракот (в. 710 ҳ.), соҳиби «ал-Мухтор» Маҷдуддини Мавсилӣ (в. 683 ҳ.), соҳиби «Маҷмаъу-л-баҳрайн» Музаффаруддин маъруф ба Ибни Соъотӣ (в. 694 ҳ.), соҳиби «ал-Виқоя» Тоҷушшариъа (в. 673 ҳ.) ва ғ.[1]

Аҳли ин табақа, гарчи дар ҳеҷ сатҳе бар иҷтиҳод қодир нестанд, вале дар нақли ривоёт ва масоили мазҳаб ва зикри роҷеҳи онҳо ҳуҷҷат ҳастанд. Онҳо аҳли тарҷеҳ ва истидлол нестанд, вале бар дараҷоти тарҷеҳ ва тартиби кори аҳли тарҷеҳ огаҳӣ доранд ва ақволи мардуд ва ривоятҳои заъифро дар китобҳояшон нақл намекунанд. Гоҳе дар нақли ривоятҳои тарҷеҳшуда дар таълифоти аҳли ин табақа ихтилоф дида мешавад, яке қавли мураҷҷиҳе, дигаре қавли тарҷеҳии дигареро ривоят кардаанд. Пас дар чунин ҳолат қавитарин ақволи тарҷеҳдиҳандагон ва созгортарини онҳо бо усул ва қавоиди мазҳаб ва ё қавле, ки шумораи тарҷеҳдиҳандагони он дар байни асҳоби тарҷеҳ бештар бошад, барои амал ва фатво интихоб карда мешавад.

Аҳли ин табақаи фақеҳон низ, ба мисли фақеҳони табақоти қаблӣ, ҳаққи фатво доданро доранд, зеро ба гуфтаи Ибни Обидин: Шинохти қавли роҷеҳ бар марҷуҳ дар ривоятҳои мухталиф ва маърифати қувват ва заъфи онҳо авҷи орзуи таҳсилкунандагони илм бошад.[2]

7. Табақаи фақеҳони муқаллиде ҳастанд, ки бар чизе аз гуфтаҳои боло қодир нестанд. Кори онҳо танҳо мутолиаи китобҳои фиқҳ ва нақли ҳар ончи дар онҳо омада аст, бидуни ҳеҷ гуна тамйизе байни қавли қавӣ ва заъиф, ривояти роҷеҳ ва марҷуҳ ва назари мақбул ва мардуд.[3]

Ба ҳафт табақа ҷудо намудани сатҳи иҷтиҳодии муҷтаҳидон, таҳқиқи муставои илмии шахсиятҳои давраҳои мухталиф ва ба таври дуруст дар ҳар табақа ҷой додани онҳо тааммуқ ва баррасии ниҳоят ҷиддӣ мехоҳад.

*** ***

онҳоро фақеҳтар аз Қозихон гуфта, ки дар тартиби табақоти Ибни Камолбошо дар табақаи қаблӣ зикр шудааст (Нозу-рату-л-ҳақ. – С. 63).

[1] Ба гуфтаи Абдулҳай Лакҳнавӣ дар «ал-Фавоиду-л-Баҳийя» зимни тарҷимаи соҳиби «ал-Ихтиёр ли таълили-л-Мухтор» Маҷдуддини Мавсилӣ баъзе мутаахҳирин ва дар китоби «ан-Нофеъу-л-кабир» аксари мутааххирин матнҳои сегона: «ал-Виқоя», «Канзуддақоиқ» ва «Мухтасари Қудурӣ»-ро аз матнҳои муътабари мазҳаб шумурдаанд (Маҷмаъу-л-баҳрайн ва мултақа-н-наййирайн, муқаддимаи муҳаққиқ. С. – 3. – Бейрут, 2005; Абдулҳай Лакҳнавӣ. Ал-фавоиду-л-баҳийя. – С. 106–107; Абдулҳай Лакҳнавӣ. ан-Нофеъу-л-кабир лиман ютолиу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. С. 23–25).

[2] Абдулҳай Лакҳнавӣ дар китоби «ан-Нофеъу-л-кабир» муҷтаҳидон, ба ибораи дақиқтар, малакаи иҷтиҳодӣ ва тавоноиҳои илмии фақеҳони муҷтаҳидро ба се қисм тақсим кардааст: 1. Муҷтаҳиди мутлақ ва мустақил, 2. муҷтаҳиди мутлақи мансуб ба имоме аз имомони муҷтаҳид (аз қисми аввал), ки ба сабаби муттасиф – муҷаҳҳаз будани худ ба лавозим ва имконоти иҷтиҳодӣ аз он имом на дар мазҳаб – қавоид ва усули коркарди аҳком ва на дар далел тақлид ва пайравӣ намекунад, вале ба ҳамон роҳу равиши иҷтиҳодии ӯ пеш меравад, 3. муҷтаҳиди дар мазҳаб, ки аз мазҳаби имоми мустақилле пайравӣ мекунад, усули мазҳаби вайро бо далел тақрир ва таъйид менамояд ва аз усул ва қавоиди имомаш берун намешавад.

Имомони чаҳоргонаи аҳли суннат ва онҳое, ки дар дараҷаи эшонанд – дигар муҷтаҳидони дар шаръ, аз қисми аввал, Абуюсуф, Муҳаммад ва дигар аиммаи асҳоби мо аз қисми дуюм ва шахсиятҳои зиёде аз фуқаҳои ҳанафӣ ба қисми сеюм шомил ҳастанд (ан-Нофеъу-л-кабир лиман ютолиу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. С. 14–17).

Вай дар ҷои дигар аиммаи муҷтаҳиди мазҳаби ҳанафиро пас аз табақаи фақеҳони мутлақ ва муҷтаҳидони дар шаръ бар панҷ табақа тақсим мекунад, ки се табақаи онро муҷтаҳидони дар мазҳаб – қисми сеюми муҷтаҳид: а) табақаи аҳли тахриҷ, табақаи аҳли тарҷеҳ ва табақаи муҷтаҳидони муқаллид ташкил медиҳанд. Табақаи ҳафтум дар тақсими Ибни Камолбошоро қишре аз авоми таҳсилкарда донистааст, ки ҳаққи фатво доданро, ҷуз ба тариқи ҳикоят – нақли ақволи муҷтаҳидон ва фақеҳони табақоти фавқ надоранд (ан-Нофеъу-л-кабир лиман ютолиу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. С. 8–9).

[3] ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя. – Ҷ. 1. – С. 34–37; Адаби муфтӣ. – С. 568–569; Раддулмуҳтор. – Ҷ. 1. – С. 181–184; Шарҳу Уқуди расми-л-муфтӣ. – Ҳайдаробод (Дакан), 2000; Муқаддимаи Муҳит, мароҳили инкишофи илмии мазҳаб. – С. 17–19; Яҳё ибни Шарафи Нававӣ. Одобу-л-фатво валмуфтӣ валмустафтӣ. – С. 22–31. – Димишқ: Дорулфикр, 1998.

Истилоҳи «салаф» – пешиниён аз сӯи баъзе фуқаҳои ҳанафӣ ба бузургони давраи аввал ва муассисони мазҳаб итлоқ мегардад ва он имом Абуҳанифа (рҳ)-ро бо чаҳор шогирди бузургаш: 1. Яъқуб ибни Иброҳими Ансорӣ (Қозӣ Абуюсуф), 2. Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, 3. Зуфар ибни Ҳузайл, 4. Ҳасан ибни Зиёд дар бар мегирад. Баъзе донишмандон табақаи салафи ҳанафиро аз Абуҳанифа (рҳ) то имом Муҳаммад (рҳ) медонанд.

Истилоҳи «халаф» – пасиниён аз сӯи баъзе донишмандон ба фуқаҳои пас аз давраи салафи мазҳаб итлоқ мегардад ва аз имом Муҳаммад ибни Ҳасан (ваф. 189 ҳ./804 м.) то Шамсулаиммаи Ҳалвонӣ (ваф. 450 ҳ./1059 м.)-ро дар бар мегирад. Ин давра ҳалқаи мутавассит ва пайванди миёнаи бузургони салаф ва уламои баъдинаи мазҳабро ташкил медиҳад.

Мурод аз «мутақаддимин» ва ё фуқаҳо ва муҳтаҳидони мутақаддим касоне ҳастанд, ки пешвоёни сегона ва муассисони мазҳаб: имом Абуҳанифа, имом Абуюсуф ва имом Муҳаммад ва ё яке аз онҳоро дарёфта бошанд ва мурод аз «мутааххирин» он фуқаҳо ва муҳтаҳидоне ҳастанд, ки касе аз онҳоро дар наёфта бошанд.

*** ***

1. Абуҳанифа Нуъмон Ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам (80 ҳ./699 м. – Куфа, 150 ҳ./767 м. – Бағдод) тобеӣ, фақеҳи бузург, муассиси бузургтарин мактаби фиқҳии ҷаҳони ислом – мазҳаби ҳанафӣ ва яке аз аиммаи чаҳоргонаи аҳли Суннат. Абуҳанифа (рҳ) аз сулолаи асилзодагони тоҷик ва ба гуфтаи набераш Исмоил писари Собит писари Нуъмон писари Марзбон аз ҷумлаи наҷибзодагон ва озодагони форс аст ва бино ба таҳқиқоте, ки пажӯҳишгарони афғон дар ин бора анҷом додаанд, падарони вай аз деҳаи Хоҷа Сайёрон воқеъ дар наздикиҳои маркази вилояти Парвон шаҳраки Чоряккор дар шимоли Кобул – пойтахти Афғонистон будаанд.[1]

Падари Абуҳанифа (рҳ) Собит бо халифаи чаҳорум Алӣ (рз) дар Куфа дидор ва аз эшон барои худ ва аҳли хонадонаш дуои хайр ва баракат мехоҳад. Алӣ (рз) дар ҳаққи онҳо дуо мекунад. Набераи Абуҳанифа (рҳ) Исмоил бо ишора ба ин нукта мефармояд: «Умед дорем дуои хайри Алӣ (рз) дар ҳаққи бобоям Абуҳанифа (рҳ) ва дигар аҳли хонадонамон қабул гардидааст».[2]

Бино ба гузориши китобҳои таърих ва шарҳи ҳолие, ки маноқиб ва зиндагонии Абуҳанифа (рҳ) дар онҳо зикр шуда, вай дар хурдсолӣ – пеш аз даҳсолагиаш Қуръони каримро ҳифз намуда, пас аз он муддате ҳамроҳи падараш ба тиҷорат ва дӯкондорӣ машғул шудааст. Рӯзе дар аснои муомилоти молӣ тобеии машҳур Омири Шаъбӣ (рҳ) ӯро мебинад ва дар симои вай фаросати қавӣ ва нубуғи фитриеро мушоҳида менамояд ва аз вай мепурсад: «Бо чӣ касоне нишасту бархост дорӣ? Абуҳанифа (рҳ) мегӯяд: Машғули тиҷорат ҳастам ва ҳоло қарор аст бо фалон одам вохӯрам. Шаъбӣ (рҳ) мегӯяд: Манзурам уламо ва донишмандон аст! Абуҳанифа (рҳ) ҷавоб медиҳад, ки ба назди чунин одамоне камтар рафтуомад дорам». Шаъбӣ (рҳ) он гоҳ ба вай насиҳат мекунад, ки: «Ман дар (шахси) ту ҳушмандӣ ва пӯёиеро мебинам. Ба назди уламо бирав ва ба фарогирии илму дониш бипардоз!».

Абуҳанифа (рҳ) баъдҳо таъсири ин ҳодисаи таърихиро дар ҳаёти худ нақл карда мегӯяд: «Насиҳатҳои Шаъбӣ дар қалбам таъсири амиқе гузоштанд, пас аз он ба омӯхтани илму дониш пардохтам ва дар ниҳоят Худованд бо баракати насиҳатҳои ӯ муваффақиятҳои зиёдеро дар ин замина насиби ман гардонд». Вай пеш аз ин ҳодисаи сарнавиштсоз дар ҳаёташ барномаи маъмулии ҳалқаҳои дарсӣ ва илмҳои роиҷи он рӯзгорро, ба монанди сарфу наҳв, ҳадис, тафсир, адаб ва ғайра ба андозаи зарурӣ фаро гирифта буд. Абуҳанифа (рҳ) аз аксари машоих ва бузургоне, ки дар асри ӯ ба сар мебурданд, илм омӯхта ва аз ҳама бештар ба муддати ҳаждаҳ сол (102–120 ҳ.) назди Ҳаммод ибни Абусулаймон (рҳ) ба таҳсил пардохтааст.

Ду бор ба Абуҳанифа (рҳ) вазифаи қозигӣ пешниҳод гардид, як бор дар замони охирин халифаи умавӣ Марвони Ҳимор ба василаи коргузораш дар Ироқ Ибни Ҳубайра ва бори дигар аз сӯи халифаи аббосӣ Мансур дар Бағдод ва ӯ дар ҳар ду маврид онро рад кард. Са-

[1] Имоми Аъзам – Абуҳанифа ва афкори ӯ. – С. 26.

[2] Аҳмад ибни Алӣ маъруф ба ал-Хатибу-л-Бағдодӣ. Таъриху Мадинати-с-салом (Бағдод). Ҷ. 15. – С. 448. – Бейрут, 2001; Аҳмад ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Халликон. Вафаёту-л-аъён. – Ҷ. 5. – С. 405. – Бейрут, 1973.

ранҷом вай аз сӯи Мансур мавриди суизан ва таъқибу шиканҷа қарор гирифт ва соли 150 ҳ ба зиндон афканда шуд ва дар он ҷо бар асари зарбу шиканҷаи зиндонбонон ва ё захре, ки ба василаи коргузори зиндон ба ӯ нӯшонида шуд, аз дунё даргузашт ва дар гӯристони Хайзарон дар шарқи Бағдод ба хок супорида шуд. Дар шаҳри Бағдод он хиёбон ва маҳалле, ки оромгоҳи Абуҳанифа (рҳ) дар он воқеъ шудааст, имрӯз бо «Ҳаййи Аъзамия», яъне хиёбон ва ё маҳаллаи Имоми Аъзам маъруф мебошад.

2. Абуюсуфи Қозӣ Яъқуб ибни Иброҳим ибни Ҳабиби Ансорӣ (113 ҳ. 731 м. – Куфа, 182 ҳ./ 798 м. – Бағдод) бузургтарин шогирд ва ёри имом Абуҳанифа (рҳ), дуюмин муассиси мазҳаби ҳанафӣ ва аввалин қозиюлқузоти хилофати исломӣ дар даврони халифа Ҳорунаррашид.

Абуюсуф (рҳ) беш аз 18 сол назди имом Абуҳанифа (рҳ) таҳсил намуда, дар таърихи ислом нахустин шахсе мебошад, ки ба унвони қозиюлқузот шинохта шудааст. Вай аз соли 166 ҳ. то рӯзи вафоташ дар давраи се халифаи аббосӣ: Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорунаррашид ба ҳайси қозӣ кор карда ва дар замони Ҳорунаррашид қозиюлқузот – сарқозии тамоми кишвари паҳновари исломӣ таъйин гардид. Абуюсуф (рҳ) дар ин муддат тавонист пояҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаи амалии аҳкоми шаръро бар асоси мазҳаби ҳанафӣ таҳким бахшад ва онро ба фиқҳ (конун)-и татбиқӣ ва ҳамин тавр мазҳаби расмии кишвар табдил диҳад. Гӯянд: Ӯ ҳамчунин аввалин роҳбарест, ки барои аҳли илм либоси вижае пешниҳод ва бо ҳамин пӯшиши уламоро аз либоси оммаи мардум ҷудо сохт.

Абуюсуф (рҳ) дар илми ҳадис низ донишманди тавоно ва муҳаддиси ҳофиз ба шумор мерафт ва уламо ва доништалабони зиёде, ба монанди имом Аҳмад, Аҳмад ибни Манбаъ, Асад ибни Фурот – тадвинкунандаи фиқҳи мазҳаби имом Молик, Исмоил ибни Ҳаммод, Алӣ ибни Мадинӣ – яке аз устодони имом Бухорӣ, Фузайл ибни Иёз, Имом Муҳаммад, Вакеъ ибни Ҷарроҳ – устоди дигари имом Бухорӣ, Ҳишом ибни Абдулмалик, Абулвалиди Таёлисӣ, Ҳилол ибни Яҳё ибни Одам, Яҳё ибни Маъин ва дигарон муддате назди ӯ таҳсил намудаанд. Имом Аҳмад (рҳ) мегӯяд: *«Аввалин боре, ки дар талаби (илми) ҳадис баромадам, ба назди Қозӣ Абуюсуф рафтам»*. Вай дар илми тафсир, мағозӣ ва айёми араб низ дониши вофире дошт.

Абуюсуф (рҳ) осор ва таълифоти зиёде бар асоси мазҳаби ҳанафӣ аз худ бар ҷой гузоштааст, ки китобҳои «ал-Хароҷ», «ал-Осор», «ан-Наводир», «Ихтилофу-л-амсор», «Адабу-л-қозӣ», «ал-Амолӣ», «ал-Фароиз», «ал-Васоё» ва ғайра аз ҷумлаи осори таълифнамудаи ӯ ҳастанд. Мутаассифона, аксари осори вай ба мо нарасидаанд.[1]

3. Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Фарқади Шайбонӣ (131–132 ҳ./749 м. – Восит, Ироқ, 189 ҳ./805 м. – Ранбуя аз ободиҳои Рай) яке аз бузургтарин ва наздиктарин шогирдони имом Абуҳанифа, сеюмин муассиси мазҳаби ҳанафӣ ва тадвинкунандаи асосномаи он. Муҳаммад ибни Ҳасан (рҳ) дар ҳоле ки ҳанӯз чаҳордаҳро тамом накарда буд, ба ҳалқаи дарси Абуҳанифа (рҳ) пайваст ва ҳангоми вафоти вай ҳанӯз ҷавон ва тоза ба синни ҳаждаҳ расида буд. Таҳсилоти худро пас аз он назди Абуюсуфи Қозӣ (рҳ) идома бахшид ва дар байни с.-ҳои 160–170 ҳ. ба муддати се сол назди имом Молик (рҳ) ба омӯзиши ҳадис пардохт ва «Муваттаъ»-ро аз ӯ ба таври комил фаро гирифт.[2] Ба ин тартиб имом Молик (рҳ) сеюмин устоди Муҳаммад ибни Ҳасан ба шумор меравад.

Имом Шофеъӣ (рҳ) дар васфи ӯ гуфтааст: *«Ҳеҷ мардеро дар бораи ҳалолу ҳаром, иллатҳо ва носиху мансух олимтар аз Муҳаммад ибни*

[1] Хайруддини Зириклӣ. ал-Аълом. – Ҷ. 8. – С. 193. – Бейрут, 2005. Минбаъд: ал-Аъломи Зириклӣ; ал-Мавсӯату-л-арабияту-л-оламия [Global Arabic Encyclopedia] (зери назар ва таҳрири доктор Аҳмад Шувайхот). – Нусхаи электронӣ, 1425ҳ. (2004м.)). Минбаъд: ал-Мавсӯату-л-арабияту-л-оламия; Алоуддин Алӣ ибни Амруллоҳи Ҳамидӣ маъруф ба Ибни ал-Ҳинноӣ. Табақоту-л-ҳанафия. – Ҷ. 1. – С. 172–175. – Бағдод, 2005; Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммади Қурайшии Ҳанафӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. – Ҷ. 3. – С. 611–613. – Ҳаҷар, 1993; Абдулҳайй Лакҳнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳийя. – С. 372–373; Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Ҳусну-т-тақозӣ фӣ си-рати-л-имом Абиюсуф ал-Қозӣ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 2002; Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Ҷ. 1, қисмати 3. – С. 51–54. – Риёз, 1991.

[2] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. Китобу ал-Ҳуҷҷату ъало аҳли-л-Мадина. – С. 9. – Бейрут, 2006.

Ҳасан надидам». Дар бораи фасоҳат ва шевоии забони ӯ мефармояд: *«Агар бихоҳам, метавонам бигӯям, ки Қуръон ба забони Муҳаммад ибни Ҳасан ҷорӣ гардидааст»*.[1]

Имом Муҳаммад (рҳ) аз имом Молик (рҳ) бештар аз ҳафтсад ҳадис ва аз дигар аиммаи ҳадис, ба монанди Мисъар, Суфёни Саврӣ, Амр ибни Динор ва ғ. низ ривоят кардааст. Аз вай осори илмии зиёде дар фиқҳ ва усули фиқҳ боқӣ мондааст, ки таҳдоби илмӣ ва асоси ривоии мазҳабро ташкил медиҳанд. Китоби «ал-Асл» дар фуруи фиқҳ, «аз-Зиёдот», «ал-Ҷомеъу-л-кабир», «ал-Ҷомеъу-с-сағир», «ас-Сияру-л-кабир», «ас-Сияру-с-сағир», «ал-Осор», «ал-Муваттаъ» ба ривояти имом Муҳаммад, «ал-Ҳуҷҷату ало аҳли-л-Мадина», «Аннаводир», «ал-Кайсониёт», «ал-Ҳоруниёт», «ар-Раққаёт», «ал-Ҷурҷониёт» аз он шумор бошанд.[2] Муҳаққиқи мероси адабиёти араб Фуод Сезгин дар китоби «Таъриху-т-туроси-л-арабӣ»-и худ аз 34 асари таълифкарда ва ё мансуб ба имом Муҳаммад (рҳ) ва мураттибони «Муъҷаму-т-таърихи-т-туроси-л-исломӣ фӣ мактаботи-л-олам» аз 22 асари вай, ҳамин тавр аз шарҳҳо, ихтисорҳо ва таълиқоте, ки бо мурури замон бар онҳо навишта шуда, бо зикри номи осорхона ва бойгониҳои ҳифзи осори хаттие, ки нусхаҳои хаттӣ ва гоҳе чопии ин китобҳо дар он ҷойҳо нигаҳдорӣ мешаванд ва рақами қайди онҳо дар каталог ва феҳрасти китобдории онҳо ном бурдаанд.[3]

Имом Муҳаммад ва имом Абуюсуфро якҷоя «Имомайн» ва «Соҳибайн» ва ҳамроҳ бо имом Абуҳанифа (рҳ) «Имомҳои сегона» мегӯянд.

4. Зуфар ибни Ҳузайл ибни Қайси Анбарӣ Абуҳузайл (110 ҳ./728 м.– Исфаҳон, 158 ҳ./775 м. – Басра) аз бузургони фуқаҳо, сеюмин ёри имом Абуҳанифа (рҳ), ки илму ибодатро дар худ ҷамъ карда ва яке аз даҳ тане буда, ки ба тадвини китобҳои фиқҳ пардохтаанд. Зуфар (рҳ) аз қабилаи Банӣ Тамим, зодаи Исфаҳон ва муқими Басра буд. Вай муддати кӯтоҳе дар замони ҳаёти устодаш Абуҳанифа (рҳ) дар он ҷо ба кори қазо пардохт ва дигар ҳеҷ гоҳ мансаби идориеро дар ҳукумати вақт қабул накард ва тамоми умр машғули илм боқӣ монд, гарчи борҳо барои фишор овардан ба ӯ хонаашро ба хок яксон карданд. Вай пас аз вафоти имом Абуҳанифа (рҳ) раёсати ҳалқаи дарси шогирдони ӯро бар ухда дошт.[4]

Ҳасан ибни Зиёд гӯяд: Имом Зуфар садрнишини маҳфили Абуҳанифа буд ва Амр ибни Сулаймони Аттор фармояд: Абуҳанифа дар тӯи никоҳи Зуфар ҳузур ва дар он хутбае эрод намуд ва фармуд: Зуфар имоме аз аиммаи муслимин ва дар шараф, ҳасаб ва насаб (ва дар ривояте илм)-аш аламе аз аъломи онҳост. Ибни Маъин ва Абунуъайм ӯро сиқа ва амин гуфтаанд. Овардаанд, ки Довуди Тойӣ фармуд: Гоҳе Абуюсуф ва Зуфар дар фиқҳ бо ҳам мунозара мекарданд, Зуфар хушзабон ва суханвар буд ва Абуюсуф дар мунозарааш музтариб мегашт. Борҳо шунидам, ки Зуфар ба вай мегуфт: Куҷо мегурезӣ, инҳо дарҳои кушодае ҳастанд, аз кадомаш, ки хоҳӣ, баргир![5] Вай барои мероси бародараш ба Басра дар омад ва аҳли он ба вай рӯй оварданд ва аз бозгашт бозаш доштанд, то дар он ҷо вафот кард.

---

[1] ал-Аъломи Зириклӣ. – Ҷ. 6. – С. 80.

[2] Алоуддин Алӣ ибни Амруллоҳи Ҳумайдӣ маъруф ба Ибни ал-Ҳинноӣ. Табақоту-л-ҳанафия. – Ҷ. 1. – С. 176–186; Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммади Қурайшии Ҳанафӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. – Ҷ. 3. – С. 122–126; Абдулҳайй Лакҳнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳийя. – С. 268–270; Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Булуғу-л-амонӣ фӣ сирати-л-имом Муҳаммад ибни-л-Ҳасан аш-Шайбонӣ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 1998.

Шаш китоби аввал асос ва таҳдоби мазҳабро ташкил медиҳанд ва манзур аз зоҳири ривоят дар мазҳаб ақвол ва ривоёти собитшуда дар ин китобҳост. Се китоби пас аз онҳо – «ал-Осор» ва «ал-Муваттаъ» ва «ал-Ҳуҷҷат» дар мартаба, сиҳҳати ривоят ва қуватти истидлол ба китобҳои зоҳири ривоят наздик ҳастанд ва бақияи осори имом Муҳаммад (рҳ) ғайри зоҳири ривоят дар мазҳаб ва аз ҷумлаи наводир ба шумор мераванд.

[3] Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Ҷ. 1, қисмати 3. – С. 54–78; Алиризо Қарабулут ва Аҳмад Турон Қарабулут. Муъҷаму-т-таърихи-т-туроси-л-исломӣ фӣ мактаботи-л-олам. – Ҷ. 1. – С. – 2670–2673. – Туркия, Қайсарӣ, 2001.

[4] ал-Аъломи Зириклӣ. Ҷ. 3. – С. 45.

[5] Алоуддин Алӣ ибни Амруллоҳи Ҳумайдӣ маъруф ба Ибни ал-Ҳинноӣ. Табақоту-л-ҳанафия. – Ҷ. 1. – С. 187–191; Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммади Қурайшии Ҳанафӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. – Ҷ. 2. – С. 207–209; Абдулҳайй Лакҳнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳийя фӣ тароҷими-л-ҳанафия. – С. 132–133; Муҳаммадзоҳид ал-Кавсарӣ. Ламаҳоту-н-назар фӣ сирати-л-имом Зуфар. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-аз-ҳарияту литтурос; Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Ҷ. 1, қисмати 3. – С. 51.

Зуфар ибни Ҳузайл осори илмие аз худ бар ҷой нагузошта, вале аз шоҳсутунҳои амалии андешаҳо ва мактаби фиқҳии устодаш имом Абуҳанифа (рҳ) ба шумор мерафт ва дар истинботи аҳком мегуфт: Вақте асар вуҷуд дошта бошад, ба раъй мутавассил намешавем.

5. Ҳасан ибни Зиёд маъруф ба Абуалии Лӯълӯӣ (116 ҳ./734 м. – Куфа, 204 ҳ./819 м. – Бағдод) чаҳорумин шахсияти илмӣ дар миёни шогирдони имом Абуҳанифа (рҳ). Ҳасан ибни Зиёд осор ва таълифоти арзишманди илмие дар риштаҳои гуногуни улуми динӣ аз худ бар ҷой гузошта, ки «ал-Муҷаррад», «ал-Муснад» маъруф ба Муснади Ҳасан ибни Зиёд ва яке аз ҳабдаҳ муснади ривоятшуда аз имом Абуҳанифа (рҳ), «Адабу-л-қозӣ», «Маони-л-имон», «ан-Нафақот», «ал-Хироҷ», «ал-Фароиз», «ал-Васоё», «ал-Хисол» ва «ал-Амолӣ» аз он ҷумла бошанд.[1] Ӯро ба хотири шуғлаш, ки фурӯши марворид буд, Лӯълӯӣ гуфтаанд.

Яҳё ибни Одам гӯяд: Аз Ҳасан ибни Зиёд фақеҳтар касеро надидам. Вай дӯстдори Суннат ва пайрави он буд ва ба хотир фармудаи расули Худо (с): ***«Ба вай (хидматгор) низ ҳамонеро бипӯшон, ки худ мепӯшӣ!»***, ҳарчи худ мепӯшид, ба ходимонаш низ аз ҳамон мепӯшонд. Самъонӣ пас аз зикри нисбати Лӯълӯӣ овардааст: Вай қазоро ба уҳда дошт ва ҳофизи ривоёти Абуҳанифа буд. Вақте барои ҳукме менишаст, он аз ёдаш мерафт ва ба он муваффақ намегашт, дар бораи он аз ёронаш мепурсид ва чун аз маҷлиси ҳукм бармехост, боз ба ёдаш меомад. Баккоӣ ба вай кас фиристод ва гуфт: Вой бар ту, ту дар кори қазо тавфиқ наёбӣ ва умед дорам он хайре буда, ки Худо бароят хостааст, аз он истеъфо деҳ! Истеъфо дод ва биёсуд. Аҳмад ибни Абдулҳамиди Ҳорисӣ гӯяд: Касеро хушахлоқтар, маънустар ва нармхӯтар аз Ҳасан ибни Зиёд надидам.[2]

Баъзе уламои ҷарҳу таъдил, ба монанди Ибни Маъин, Абудовуд ва дигарон ӯро дар ривоят ва забти ҳадис заъиф, ғайри сиқа ва баъзан каззоб ҳам гуфтаанд, вале Абуувона дар «Мустахраҷ» ва Ҳоким дар «Мустадрак»-и худ аз вай ривоят кардаанд ва Салама ибни Қосим ӯро сиқа гуфтааст. Ҷарҳу эроди воридшуда бар вай аз сӯи баъзе муҳаққиқон рад карда шуда, баъзе аз боби таассуб ва нафрати нохушоянд нисбат ба шогирдон ва ёрони имом Абуҳанифа (рҳ) ва баъзе ҳам аз боби таъни акрон – ҳамасрон бар якдигар дониста шудаанд.[3]

*** ***

Дар хотима барои истифодаи бештари пажӯҳишгарони улуми исломӣ дар бораи се мазҳаби дигари аҳли суннат ва пешвоёни муассиси онҳо бо ихтисор гузориш медиҳем:[4]

1. Молик ибни Анас ибни Молик ибни Абуомири Асбаҳӣ (93 ҳ./712 м. – Мадина, 179 ҳ./795 м. – ҳамонҷо) яке аз аиммаи чаҳоргонаи аҳли суннат ва пешвои мазҳаби моликӣ - яке аз мактабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом. Вай дар амри дин устувор ва аз муровада бо хулафо, умаро ва дунёдорон сахт парҳез дошт. Боре халифаи аббосӣ Ҳорунаррашид ӯро ба ҳузур талабид, дар ҷавоб фармуд: Дигарон бояд ба маҳзари уламо бираванд. Ҳорун ба ночор ба

[1] ал-Аъломи Зириклӣ. – Ҷ. 2. – С. 191; Алоуддин Алӣ ибни Амруллоҳи Ҳумайдӣ маъруф ба Ибни ал-Ҳинноӣ. Табақоту-л-ҳанафия. – Ҷ. 1. – С. 192–196; Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммади Қурайшии Ҳанафӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. – Ҷ. 2. – С. 56–57; Абдулҳаййи Лакҳнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳийя. – С. 104–106; Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. ал-Имтоъ бӣ сирати-л-имомайн ал-Ҳасан ибни Зиёд ва со-ҳибиҳи Муҳаммад ибни Шуҷоъ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 2003; Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Ҷ. 1, қисмати 3. – С. 78–79.

[2] Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Тамимии Самъонӣ. ал-Ансоб. – Ҷ. 11. – С. 39. – Қоҳира, 1984.

[3] Аз ҷумла Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ дар китоби «ал-Имтоъ бӣ сирати-л-имомайн ал-Ҳасан ибни Зиёд ва соҳибиҳи Муҳаммад ибни Шуҷоъ» ва осори дигараш бо тафсил ба онҳо ҷавоб додааст.

[4] Аимма ва бузургони дин, ба хусус пешвоёни мазҳабҳои фиқҳӣ аз шахсиятҳои нодир, нобиғагони андешаи башарӣ ва аз мардони тирози аввали уммати ислом пас аз саҳобаи расули акрам (с) ва кибори тобеин буданд. Гузориши зиндагонӣ ва шарҳи ҳоли онҳо ҳаргиз ба манзури муфозала байни онҳо ва баёни бартарияти яке бар дигаре сурат нагирифта, ки ҳама роҳиёни як роҳ ва қофиладорони як ойин буданд, балки барои касби маърифати бештар дар бораи онҳо, арҷ ниҳодан ба хадамоти илмии эшон ва низ бар асоси ин гуфта: «Ҳангоми зикри ном ва ёди солеҳон раҳмат (-и Парвардгор) нозил мешавад», барои ҷалби нузули раҳмати Парвардгор зикр шудаанд. (Ин сухан аз Суфён ибни Уяйна (рҳ) ва ба қавле аз Суфёни Саврӣ (рҳ) ривоят шудааст).

хонаи ӯ рафт ва ба по воистод, сипас пеши рӯи вай ба замин нишаст ва аҳодисе аз ӯ шунид.

Абуомир ҷадди бузурги Молик ибни Анас (рҳ) саҳобаи бузурги расули Худо (с) ва бобиаш Молик аз бузургони тобеин ба шумор мераванд. Абуомир аз қабилаи Зуасбаҳ дар Яман ва модараш аз қабилаи Азд – аз қабоили араби Яман аст ва Молик ибни Анас (рҳ) аз ҳар ду ҷиҳат аз арабҳои холис ва яманитабори сокини Мадина ба шумор меравад.

Молик ибни Анас (рҳ) аз бузургони сокини Мадина, ки дар он айём муҳимтарин маркази фиқҳу ҳадис дар ҷаҳони ислом ба шумор мерафт ва аҳли фазлу илм аз ҳар сӯе ба он ҷо раҳли сафар мебастанд, илми дин омӯхт ва аз маҳофили илмии шахсиятҳое, ба монанди имом Зӯҳрӣ, Рабеа ибни Абдурраҳмон маъруф ба Рабеаи Раъй ва дигарон истифода кард. Вай пас аз чанде дар он ду илм ба яке аз марҷаъҳои муҳимми дин ва асотин (пояҳо, сутунҳо)-и ислом табдил ёфт ва дар масҷиди набавӣ барои тадрис ва фатво нишаст.

Вай нахустин шахсияте дар ҷаҳони Ислом буда, ки дар илми ҳадис китобе бо номи Муваттаъ таълиф намудааст. Вай ин китоби арзишмандро дар муддати чиҳил сол таълиф ва тадвин карда ва он яке аз муътамадтарин маҷмӯаи суннати набавӣ дар ҷаҳони ислом ба шумор меравад.

Мазҳаби моликӣ дуввумин мактаби фиқҳӣ-ҳуқуқии аҳли суннат буда, пас аз мазҳаби ҳанафӣ аз бонуфузтарин мактабҳои фиқҳии ҷаҳони ислом ба шумор меравад. Ин мазҳаб ба муассиси он имоми дори ҳиҷрат ва фақеҳи Мадина имом Молик ибни Анаси Асбаҳӣ (рҳ) мансуб аст.[1]

Ин мазҳаб равиш ва мактаби миёнае байни мактаби фиқҳии аҳли ҳадис ва мактаби аҳли раъй ба шумор меравад. Дар он гарчи дар масоили иҷтиҳодӣ асосан ба ҳадис ва асар истинод шуда, вале аз раъй ва иҷтиҳод низ ба таври васее истифода гардидааст ва он дар ин замина ба мактаби фиқҳи ҳанафӣ хеле наздик аст. Аз ин рӯ, мутааххирини мазҳаби ҳанафӣ дар баъзе масоили фурӯъ, вақте дар он бар асоси ривоёти машоихи мазҳаб роҳи ҳалле пайдо накарданд, ба мазҳаби моликӣ фатво медиҳанд.

[1] ал-Аъломи Зириклӣ. Ҷ. 5. – С. 257.

Марҷаи фиқҳии мазҳаби моликиро китоби «ал-Мудавванату-л-кубро» таълифи Абдуссалом ибни Саъид маъруф ба Саҳнун ташкил медиҳад, ки яке аз ганҷинаҳои гаронмояи ҳуқуқӣ дар ҷаҳони ислом аст.[2]

Таҳдоби фиқҳии мазҳаби моликиро дар дарҷаи аввал Қуръон ва Суннат, пас аз он иҷмоъи уламо ва пас аз он иҷмоъ ва ё амалкарди аҳли Мадина ташкил медиҳад. Амалкарди аҳли Мадина назди аиммаи мазҳаби моликӣ аҳаммияти усулӣ дошта ва дар мавридҳое, ки нассе аз Китоб ва ё Суннат вуҷуд надошта бошад, онро ҳуҷҷат медонистанд. Дар он ба андозаи маҳдудтаре ба қиёс ва истеҳсон низ амал мешуд ва онҳо аз усули истинбот дар аҳкоми фиқҳ ба шумор мерафтанд.

Мазҳаби моликӣ нахуст дар сарзамини Ҳиҷоз мунташир гардид ва аз он ҷо ба Миср ва аз Миср ба сарзаминҳои шимоли Африқо ва Андалус роҳ ёфт. Пас аз интишори мазҳаби шофеъӣ дар сарзамини Миср мазҳаби моликӣ то андозае дар он ҷо равнақи пешини худро аз даст дод.

2. Шофеъӣ Муҳаммад ибни Идрис ибни Аббос ибни Усмон ибни Шофеъи Қурайшӣ Абуабдуллоҳ (150 ҳ./767 м. – Ғазза, Фаластин,

[2] ал-Мудаввана/ал-Мудавванату-л-кубро асос ва марҷаи фиқҳии мазҳаби моликӣ. Назароти фиқҳӣ ва ривоятҳои иҷтиҳодии имом Молик (рҳ) дар ибтидо назди шогирдонаш ба шакли навиштаҳои номураттаб нигоҳдорӣ ва аҳёнан дар миёни онҳо ба таври шифоҳӣ ривоят мешуданд, то он ки Асад ибни Фуроти Синонӣ – яке аз шогирдони имом Молик (рҳ) пас аз мутолиаи осори илмӣ ва таълифоти Муҳаммади Шайбонӣ (рҳ) дар фиқҳи ҳанафӣ ва шиносоӣ бо равиши таълифи масоили фиқҳӣ ва тадвини моддаҳои аҳком ба Африқо баргашт ва хост фиқҳи моликиро низ ба ҳамон тартиб тадвин намояд.

Вай барои баррасии масоиле, ки онҳоро ба тартиби фиқҳи ҳанафӣ ва бо равиши таълифоти Муҳаммади Шайбонӣ (рҳ) мавзӯъбандӣ карда буд ва барои ёфтани ҷавоби онҳо бар асоси мазҳаби моликӣ, ба назди машҳуртарин шогирди имом Молик (рҳ) Абдурраҳмон ибни Қосим ибни Холид ибни Ҷунодаи Утақӣ рафт. Асад ибни Фурот пас аз муҳокимаи он масоил бо Ибни Қосим ба тадвини масоили калидии мазҳаби моликӣ пардохт ва он навиштао баъдо бо номи «ал-Асадия» мансуб ба Асад машур гардиданд.

Пас аз он Асад ибни Фурот дар раъси лашкаре барои фатҳи ҷазираи Сиқилия (Сисилия) ба Аврупо фиристода шуд ва Абдуссалом ибни Саъид ибни Ҳабиби Танухӣ маъруф ба Саҳнун (Абусаъид) масоили Асадияро бори дигар бо Ибни Қосим мавриди бозбинӣ қарор дод ва маҷмӯаи гирдовардаи худро «ал-Мудаввана» номид.

204 ҳ./820 м. – Фустот, Миср) пешвои мазҳаби шофеъӣ ва яке аз имомони чаҳоргонаи аҳли суннат.[1] Ӯро хонаводааш дар ду солагӣ ба Макка бурданд ва он ҷо дар 9-солагӣ Қуръон ва дар 10-солагӣ «Муватта»-и имом Моликро ҳифз кард. Пас аз он соли 170 ҳ. дар синни 20-солагӣ ба Мадина омад ва назди имом Молик (рҳ) муддате ба таҳсил пардохт, сипас ба пойтахти хилофат шаҳри Бағдод рафт ва дар он ҷо миёни вай ва имом Муҳаммади Шайбонӣ пайвандҳои дӯстӣ ва муровадаи илмӣ барқарор шуд.[2]

Шофеъӣ (рҳ) мазҳаби қадими худро дар давраи буду бошаш дар Ироқ поярезӣ кард ва китобе, ки дар ин давра таълиф намуд, бо номи «ал-Ҳуҷҷат» маъруф аст. Пас аз он ба шавқи дидори имом Молик (рҳ) ба Мадина рафт, вале пеш аз вусули ӯ ба он ҷо имом Молик (рҳ) даргузашта буд, вай аз он ҷо ба Миср шуд ва бақияи умрро дар он ҷо ба сар бурд ва мазҳаби ҷадидашро дар он ҷо таъсис дод. Аз вай осори зиёде дар риштаи ҳадис ва фиқҳ бар ҷой монда, ки китобҳои «ал-Муснад» дар ҳадис, «ал-Ҳуҷҷат» ва «ал-Умм» дар фиқҳ, «Адабу-л-қозӣ», «Усулу-л-фиқҳ», «Аҳкому-л-Қуръон», «Ихтилофу-л-ҳадис» ва «ар-Рисола» машҳуртарини онҳо бошанд.

Шофеъӣ (рҳ) ба ҷадди сеюмаш Шофеъ, ки ба дидори расули Худо (с) мушарраф гардида, нисбат ёфтааст. Вай дар замони хилофати Абуҷаъфари Мансур – дуввумин халифаи аббосӣ, ҳамон соле, ки имом Абуҳанифа (рҳ) вафот карда, ба дунё омада ва дар замони хилофати Маъмуни Аббосӣ вафот кардааст.

Мазҳаби шофеъӣ сеюмин мактаби фиқҳии аҳли суннат, ки ба пешво ва муассиси худ имом Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (рҳ) нисбат ёфта, бар пояи замонбандии таърихӣ дар радаи сеюми мактабҳои фиқҳии аҳли суннат қарор дорад.

Мазҳаби шофеъӣ ҳарчанд ба мактаби аҳли ҳадис наздикии зиёде дорад, вале аз мазҳаби ҳанафӣ, ба хусус аз назароти фиқҳии имом Муҳаммади Шайбонӣ (рҳ), хеле мутаассир гардидааст. Аз ин рӯ, он фарогири шеваи аҳли ҳадис ва аҳли раъй ва дар воқеъ талфиқ ва омезае аз ин ду тариқа аст. Дар миёни Шофеъӣ (рҳ) муассиси мазҳаб, ки шогирди имом Молик (рҳ) аст ва имом Муҳаммад (рҳ) – шахсияти сеюм дар мазҳаби ҳанафӣ пайвандҳои амиқи илмӣ ва муколамоти ҳузурӣ барқарор буд, ки ҳар ду машраб дар рехтани пояҳои шахсияти вай ва пас аз он дар бинои аркони мазҳабаш муассир будаанд.[3]

Мазҳаби шофеъӣ ба ду давраи андешаҳои фиқҳии поягузораш имом Шофеъӣ (рҳ) ҷудо мешавад, аввал, мазҳаби қадими вай, ки андешаҳои фиқҳии ӯро дар давраи буду бошаш дар Ироқ фаро мегирад ва ба он мазҳаби қадими Шофеъӣ гуфта мешавад, дуюм, мазҳаби ҷадиди вай, ки назароти фиқҳӣ ва орои иҷтиҳодии ӯро пас аз сукунаташ дар Миср ташкил медиҳад ва ба он мазҳаби ҷадиди Шофеъӣ гуфта мешавад. Имом Шофеъӣ (рҳ) пас аз сукунат дар Миср ба вазъи нави иҷтимоӣ ва ҳамин тавр ганҷинаи мавҷуди суннати набавӣ дар он ҷо ва ба назароти мутафовити фиқҳии уламои он диёр дар баъзе масоил рӯ ба рӯ гардид, ки назари ӯро нисбат ба он масоил дигар кард. Фатовои тоза ва таҷдиди назарҳои вай дар ин давра мактаби ҷадиди фиқҳии ӯро ба вуҷуд овардаанд.

Китобе, ки назароти фиқҳии қадими Шофеъӣ дар он гирд оварда шудаанд, «ал-Ҳуҷҷат» ва китобе, ки орои ҷадиди ӯро дар масоили фиқҳии мазҳаб бозгӯ менамояд, «ал-Умм» ном доранд. Гуфтанист, ки тафовути масоил дар мазҳаби қадим ва ҷадиди вай на ба он қадре ҳастанд, ки ду мазҳаби ҷудо аз ҳам ба шумор раванд, вале онҳо ба ҳаҷме буда, ки онро ба

[1] ал-Аъломи Зириклӣ. Ҷ. 6. – С. 26; Ҳасан Иброҳим Ҳасан. Таърихи сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ислом. – Ҷ. 2. – С. 66. – Қоҳира. Минбаъд: Таърихи ислом.

[2] Дар бораи чигунагии омадани имом Шофеъӣ (рҳ) ба Бағдод ҳаводис ва достонҳое ривоят шуда, ки нақли онҳо дар ин ҷо ҳеҷ аҳаммияте барои баёни мавзӯъ надоранд.

[3] Ба ақидаи оммаи муҳаққиқон, имом Шофеъӣ (рҳ) фиқҳи ҳанафиро аз имом Муҳаммад (рҳ) ва таълифоти вай фаро гирифта ва барои ин кор муддате дар Ироқ назди имом Муҳаммад (рҳ) ба сар бурдааст, амре, ки худи имом Шофеъӣ (рҳ) низ ба он эътироф кардааст. Ин воқеият аз сӯи муҳаққиқони ҳанафӣ ба маънои шогирдии имом Шофеъӣ (рҳ) аз имом Муҳаммад (рҳ) таъбир шуда, вале чун ин таъбир, яъне шогирдӣ кардани шахсияте ба мисли имом Шофеъӣ (рҳ) назди имом Муҳаммад (рҳ) барои пайравонаш гарон омада, онро ба шаъни ӯ муносиб надонистаанд, мо ҳам барои риояи хотири дӯстон аз он ба муровадаи илмӣ, муколамаи ҳузурӣ ва гуфтушуниди ду ҳамтои илмӣ таъбир кардем. Вале ҳарчи буда, воқеият он аст, ки имом Шофеъӣ (рҳ) аз имом Муҳаммад (рҳ) бештар аз он омӯхта, ки имом Муҳаммад (рҳ) аз вай.

ду давраи назароти қадим ва ҷадиди фиқҳии ӯ ҷудо кардааст.

Бузургтарин марҷаи ҳадис ва осори фиқҳии мазҳаби. шофеъӣ таълифот ва имлооти бевоситаи худи имом Шофеъӣ (рҳ) – китоби «ал-Муснад» дар ҳадис ва китоби «ал-Ҳуҷҷат» ва «ал-Умм» дар фиқҳ ҳастанд.

Маркази умдаи интишори мазҳаби шофеъӣ дар ибтидо Бағдод ва Қоҳира буданд ва аз он ду ба василаи шогирдон ва пайравонаш ба тадриҷ дар акнофу атрофи мамолики исломӣ интишор ёфт. Абузуръаи Қозӣ Муҳаммад ибни Усмони Димишқӣ онро дар Шом ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоил Қаффоли Шошӣ дар Хуросон ва сарзаминҳои Моваруннаҳр мунташир намуданд. Мазҳаби шофеъӣ имрӯз дар Мисри Поён – Саъиди Миср, Африқои шарқӣ ва ҷанубӣ, қисматҳое аз Арабистони Саъудӣ ва Фаластин, кишварҳои ҷануб-шарқи Осиё – Индонезия, Малайзия ва ғ. ва Кафкази шимолӣ ривоҷ ва интишор дорад.

Аз донишмандони машҳури мазҳаби шофеъӣ Мовардӣ, Абуисҳоқи Шерозӣ, Имомулҳарамайн, Абуҳомиди Ғаззолӣ ва имом Рофеъиро метавон ном бурд.

3. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал ибни Ҳилол ибни Асади Шайбонии Марвазӣ Абуабдуллоҳ (164 ҳ./780–781 м. – Бағдод, 241 ҳ./855–856 м. – ҳамонҷо) яке аз аиммаи чаҳоргонаи аҳли Суннат, пешвои мазҳаби ҳанбалӣ ва аз бузургтарин муҳаддисони ҷаҳони ислом. Вай дар талаби илм, бахусус ҳадис, пас аз соли 183 ҳ./799 м. ба атрофу акнофи олами Ислом – шаҳрҳои Ироқ, сарзамини Шом, Ҳиҷоз ва Яман сафар намуд ва пас аз бозгашт солҳои 195–197 ҳ./810–813 м. назди имом Шофеъӣ ба омӯзиши фиқҳ ва усули он пардохт. Сохтори андешаи динии имом Аҳмад (рҳ) ҳам дар бахши эътиқодот ва ҳам дар аҳкоми фиқҳӣ ба равиши аҳли ҳадис шакл гирифта, то поёни умр бар ақидаи салаф пойдор мондааст. Дар даврони фармонравоии се халифаи аббосӣ [1]Маъмун, Муътасим ва Восиқ, ки ба ақидаи аҳли эътизол гароиш ёфта, мардум ва кишварро расман ба сӯи ақлгароии муътазилиён кашиданд ва дар натиҷа масъалае бо номи «фитнаи халқи Қуръон» ба вуҷуд омада буд, имом Аҳмад (рҳ) дар сархатти муқовимат ва посдорони ақидаи аҳли суннат қарор гирифт.

Эътиқоди аҳли суннат дар бораи Қуръони карим ин аст, ки он каломи Худованд аст ва каломи Вай яке аз сифатҳои Ӯст. Бинобар ин, он офаридашуда нест, балки аз сӯи зоти поки Худованд бар расули Худо (с) нозил гардидааст. Қуръони карим ҷараёни нузули ваҳӣ ва расидани онро бар паёмбари акрам (с) ҳамеша бо ибораҳои нозил кардан ва фиристодан – «назала биҳи», «наззала» «анзала» ва монанди инҳо баён доштааст ва дар ҳеҷ ҷое ба офарида шудани он ишора накардааст. Аҳли суннат, бахусус пайравони мактаби аҳли ҳадис, бо ҳамин иктифо карда, баҳсу гуфтугӯҳои каломии амиқтар аз инро дар ин бора бесамар медонистанд, зеро он аз маҳдудаи тавоноиҳои дониши башарӣ болотар аст ва дар он касе ба ҷое намерасад. Дуруст аст, ки ақли таҳлилӣ ва фалсафаи назарии инсон хеле чизҳоро дақиқан дарк менамояд, вале он низ каламрави хосси корӣ ва доираи имконоти худро дорад, ки берун аз он, ҷуз барҳадар додани нерӯи зеҳнии худ, дигар ба натиҷае намерасад.

Намояндагони мактаби ақлгаро (дӯстдори таҳлилиҳои ақлӣ)-и эътизол бошанд, ин маҳдудияти тавоноиҳои ақлӣ ва нокофӣ будани фалсафаи назариро барои дарки зот ва сифоти Худо ба эътибор нагирифта, масъаларо ба матолиби баҳсҳои каломӣ ворид намуданд ва аз ин манзар ба баррасии зот ва баёни сифоти Худо пардохтанд. Ба ин маъно, ки Қуръон вақте дар навори ҳофизаи инсон сабт, бо савту садои одамӣ хонда ва дар варақҳо навишта мешавад, пас чӣ гуна метавонад сифат ва ҷузъе аз зоти Худованд бошад. Дуруст аст, ки каломи Худованд аз зоти Ӯ сарчашма мегирад, вале он вақте ба сӯи паёмбар (с) фиристода шуд, ба шакли савту садо дароварда шуда, дар қолаби ҳуруф ва калимоти забони арабӣ фиристода шудааст. Пас ин ба маънои он аст, ки Қуръон офарида шудааст. Ин таҳлилҳои фалсафии муътазилиён дар андешаи динии он се халифаи аббосӣ таъсир гузошт ва мардумро ба қабули назарияи

[1] Барои мутолиа ва огаҳии бештар аз зиндагонӣ ва шарҳи ҳоли ин хулафои аббосӣ ба китоби «Имоми Аъзам (рҳ) бузургмарде дар таърихи башарият», аз худи муаллиф, муроҷиат намоед!

махлуқ будани Қуръон маҷбур карданд. Ин ҳодиса дар таърих ба номи «ҳодисаи меҳнат» ва ё «фитнаи халқи Қуръон» машҳур шудааст.[1]

Муаллифи «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас» (С. – 359) овардааст, ки Маъмун ба аҳди хеш андар фармуда буд, ки Қуръонро махлуқ гӯянд ва ҳамаро бад-ин кор ва сухан оварда буд, магар имом Аҳмад ибни Ҳанбал ва чанд кас аз қузот ва фуқаҳо. Ва Маъмун ба ишхос (эҳзор)-и эшон (амр) фармуда буд, ки бимурд ва Муътасим низ ҳам бар ин буд ва осонтар кард. Ва Ибни Абудуод (мушовир ва надими халифа) Восиқро ба сари ин сухан бозовард, то имом Аҳмадро чандоне азоб карданд ва ранҷ намуданд ва ӯ аз сухан ва гуфти хеш боз нагашт ва мегуфт: ал-Қуръону каломуллоҳи ғайру махлуқ.

Имом Аҳмад (рҳ) шоҳкории ҷовидонае дар риштаи ҳадис бо номи «Муснад»-и имом Аҳмад аз худ бар ҷой гузоштааст. Ин китоби ганҷинаи наздик ба 28 000 ва ба баъзе оморҳо 30 000 ва бо завоидаш ҳудуди 40 000 ҳадисро дар бар мегирад.

Хондмир дар «Ҳабибуссияр» (Ҷ. 1. – С. 293) орад, ки дар рӯзи ҷумъа аз айёми авосити рабеулаввали санаи иҳдо ва арбаин ва миатайн (241 ҳ.) Абуабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбали Шайбонии Марвазӣ, ки яке аз пешвоёни чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат аст, ба олами охират пайваст.

Вай 12-уми моҳи рабеулаввали 241 ҳ./31/06/855–856 м. дар синни 77-солагӣ дар шаҳри Бағдод вафот кард, ҳаштсад ҳазор мард ва шаст ҳазор зан дар ташйеъи ҷанозааш ширкат варзида ва дар гӯристони Бобулҳарби Бағдод ба хок супорида шуд. Сокинони кӯчаҳои муҷовир дарҳои худро ба рӯи мардум кушода, ба онҳо оби обдаст ва ҷои намоз медоданд. Дар сарчашмаҳо шумораи иштироккунандагони ҷанозаи имом Аҳмад (рҳ) бо рақамҳои мутафовите аз шашсадҳазор то як миллион нафар баровард шудааст. Баъзе муҳаққиқон ҳарчанд шумораи фавқро то андозае муболиғаомез дониста, вале ҳама ба бисёрии он эътироф доштаанд. Имом Аҳмад (рҳ) худ фармуда буд, ки (фарқи) байни мо ва байни аҳли бидъатро ҷанозаҳо муайян менамоянд. Ибни Касир дар китоби таърихаш «ал-Бидоя ванниҳоя» (Ҷ. 10. – С. 342) қайд карда, ки Худованд сидқи ин сухани имом Аҳмадро дар ҷанозааш ба намоиш гузошт.

Мазҳаби ҳанбалӣ чаҳорумин мактаби фиқҳии аҳли суннат аз ҷиҳати замонбандии таърихӣ, ки ба асосгузори худ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал (рҳ) нисбат ёфтааст.

Мазҳаби ҳанбалӣ дар замони ҳаёти худи имом Аҳмад (рҳ) ба василаи Абуяъқуб Исҳоқи Кусаҷ ва чанде баъд ба василаи Абубакри Халлол мураттаб ва тадвин гардид ва баъдҳо онро бузургоне, ба монанди Абдулқодири Гелонӣ ва Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ ва дигарон, интишор доданд. Он намунаи комили фиқҳи аҳли ҳадис буда, тақрибан ба тарви комил ба осор ва аҳодиси ривоятшуда истинод намудааст ва дар ибтидо камтар ба иҷтиҳод ва он чи ба корбурди раъй машҳур аст, рӯй овардааст.

Иҷтиноб аз қиёс ва тақрибан ҳасри эътимод бар асар дар миёни пайравони баъдии мазҳаби ҳанбалӣ то андозае ранги ҷумуд ва таассуби мазҳабӣ ба вуҷуд овард ва ҳамин таассуби мазҳабӣ дар мақтаъҳои гуногуне аз таърихи ислом сабаби рӯй додани кашмакашҳои фирқаӣ ва низоъҳои динӣ дар миёни пайравони он ва тарафдорони дигар мазҳабҳои фиқҳии аҳли сунат гардид, чуноне ки солҳои 323–475 ҳ. байни пайравони он ва шофеъиён фитнаҳои азиме дар Бағдод иттифоқ афтод.

Мазҳаби ҳанбалӣ дар замони Мақдисӣ дар Форс, Исфаҳон, Рай, Шаҳрзӯр ва дигар шаҳрҳои Хуросон ривоҷ дошта, дар аксари билоди исломӣ мунташир гардида буд ва дар Шому Фаластин ривоҷи тамом дошт, то он ки пас аз ба қудрат расидани туркони усмонӣ дар он сарзамин то ҳадде аз интишори он коста шуд. Пас аз пирӯз гардидани Оли Саъуд бар сарзаминҳо Ҳиҷоз мазҳаби ҳанбалӣ бори дигар равнақ гирифт ва талошҳои шайх Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ба суръати интишораш афзуд.

Аз он ҷо ки, имом Аҳмад (рҳ) мазҳаби худро тақрибан ба таври комил бар осор ва аҳодис бино ниҳода, тавонистааст ганҷинаи нафисеро дар заминаи ҳадис дар девоне бо номи «Муснад»-и имом Аҳмад гирд оварад, ки он сарвати бебаҳо ва бузургтарин доиратулмаориф дар

[1] Барои шинохти амиқтари «ҳодисаи меҳнат» ва ё «фитнаи халқи Қуръон» ба китоби «Рисолаҳои имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи арзишҳои эътиқодии ислом маъруф ба шарҳи Фиқҳи акбар», аз худи муаллиф, мурочиат намоед!

илми ҳадис ба шумор меравад ва муҳимтарин марҷаи ҳадисӣ ва фиқҳии мазҳаби ҳанбалиро ташкил медиҳад.[1]

Мазҳабҳои азбайнрафта (мунқариза)-и аҳли суннат. Тамоми мазҳабҳои фиқҳие, ки то авохири садаи чаҳоруми ҳичрӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳони ислом ба вуҷуд омада буданд, ба ҷуз чаҳор мазҳаби бузург ҳама аз байн рафтанд ва имрӯз тақрибан пайраве надоранд. Аз он миён мазҳаби авзоъӣ, зоҳирӣ ва табарӣ аз ҷумлаи муҳимтарини он мактабҳои фиқҳӣ ба шумор мерафтанд. Мазҳаби авзоъӣ дар сарзамини Шом ва Андалус муддате мутадовил ва роиҷ буда, вале дар ниҳоят пас аз интишори мазҳаби шофеъӣ дар Шом ва мазҳаби моликӣ дар Андалус аз тадовули мусулмонон хориҷ ва мунқариз гашт. Аз ақволи фиқҳӣ ва андешаҳои ҳуқуқии ин мазҳаби исломӣ навиштаи мустақилле бар ҷой намондааст ва имрӯз ба баъзе масоили аҳком ё чигунагии равиши илмии он танҳо аз тариқи ақволи ҳифзшуда ва назароти барҷоймонда аз он дар матнҳои фиқҳии мазоҳиби дигар дастрасӣ дорем.

Гарчи Довуди Зоҳирӣ (рҳ) ҳаёти хешро дар сарзамини Ироқ ва аксаран шаҳри Бағдод ба сар бурда, вале чун мактабҳои асил ва нерумандди фиқҳӣ ҷое барои нуфузи андешаҳои динӣ ва ақволи фиқҳии вай дар ин қаламрави ҷуғрофии ҷаҳони ислом нагузошта буданд, мазҳаби вай дар сарзамини Андалус интишор ёфт ва дар асри 8-уми ҳ./14-уми милодӣ аз байн рафт. Осори фиқҳӣ ва андешаҳои ҳуқуқии он аслан дар таълифоти фақеҳи тавонои пайрави он Ибни Ҳазми Андалусӣ баён ва ҳифз гардида ва аз тариқи вай ба захираи фарҳанги исломӣ интиқол ёфтаанд.

Мазҳаби табарӣ ба василаи муаррих ва муфассири бузурги ҷаҳони ислом Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (рҳ) таъсис гардид ва андешаҳои фиқҳии вай асосан дар осори таълифкардаи худи ӯ бозгӯ ва барои наслҳои баъдӣ ҳифз шудаанд.[2] Ин мазҳаб дар миёни баъзе дайламиёни Бағдод ва баъзе ақвоми сокини сарзаминҳои Ироқ ва Хуросон то садаи шашуми ҳичрӣ/дувоздаҳуми милодӣ нуфуз ва аз онҳо пайравоне дошта ва пас аз он аз тадовули мардум хориҷ ва рӯ ба инқироз ниҳодааст. [3]

Аҳли ҳадис ба гурӯҳе аз донишмандони исломӣ дар садаҳои аввали ҳичрӣ гуфта мешавад, ки аҳодиси расули акрам (с) заминаи аслии мутолаот ва муҳимтарин сарчашмаи маорифи динӣ ва коркарди аҳкомро дар назди онҳо ташкил медоданд. Аҳли ҳадис ҳарчанд ба фарогирӣ ва баррасии риштаҳои гуногуни таълимоти исломӣ, аз қабили ҳадис, тафсир, фиқҳ, калом ва ғ. пардохтаанд, аммо дар таърихи фарҳанги исломӣ ба унвони яке аз ду гароиши фиқҳии аҳли суннат дар баробари асҳоб ва ё аҳли раъй шуҳрат ёфтаанд.

Вожаи ҳадис аз ҳамон оғози Ислом ба суханони паёмбари акрам (с) итлоқ мегардид, ки аз ҷиҳати лафзӣ ва луғавӣ танҳо гуфтори ӯро дар бар мегирад, вале дар истилоҳи шаръ он се

---

[1] ал-Аъломи Зириклӣ. Ҷ. 1. – С. 203; Таърихи ислом. – Ҷ. 3. – С. 4.

[2] Бахши умдаи осори фиқҳӣ, ақволи иҷтиҳодӣ ва назароти усулии аиммаи мазҳабҳои мунқариза дар замони ҳаёти муассисонашон гирдоварӣ ва тадвин нашуда, балки ба сурати шифоҳӣ ва дар синаи фуқаҳое аз пайравони худи эшон ва ё пайравони мазоҳиби чаҳоргонаи фиқҳӣ ҳифз ва дар миёни ақвол ва ривоёти онҳо ба наслҳои баъдӣ интиқол ёфтаанд, ба ҷуз чанд нафаре аз онҳо, ба монанди Довуди Зоҳирӣ, ки шогирдоне, ба мисли Ибни Ҳазми Андалусӣ ва дигарон, ба гирдоварии назароти фиқҳӣ ва тадвини ақвол ва осори илмии вай пардохтаанд ва Ибни Ҷарири Табарӣ, ки худ ба таълифи ақвол ва назароти фиқҳии мактаби хеш ва ҳифзи онҳо дар осори худ пардохтаанд. Нуқтаназароти фиқҳӣ ва захоири иҷтиҳодии аиммаи он мазҳабҳо аксаран дар ҷавомеи ҳадисӣ ва муаллафоте, ки ба гирдоварӣ ва тадвини осор ва ривоёти динии гузаштагон пардохта ва низ китобҳои фиқҳие, ки дар боби ихтилофи назарҳои фақеҳон ё муқоранаи ақволи аиммаи фиқҳ бо якдигар таълиф шудаанд, сабт ва ҳифз гардидаанд.

Имрӯз баъзе муҳаққиқони осори хаттӣ ва шефтагони эҳёи мероси фарҳанги қонунгузорӣ дар фиқҳи исломӣ талошҳое ҷиҳати гирдоварии ақвол ва назароти фиқҳии ин аимма аз донишномаҳо ва таълифоти фиқҳии дигар мазоҳиб ва тадвин ва нашри онҳо дар китобҳои мустақил мабзул доштаанд. Аз ҷумла дар ин авохир китобе бо номи «Мавсӯату фиқҳи-л-имом ал-Авзоъӣ» (Донишномаи фиқҳи имом Авзоъӣ) бо кӯшиши Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Ҷабурӣ (Бейрут: Дорулфикр, 2001) ба чоп расидааст.

[3] Пайравони мазҳаби табарӣ аз қавми худаш – мардуми Табаристон ва Дайлам хеле кам буданд, зеро дайламиён исломро аслан бо даъвати уламо ва даъватгарони зайдӣ пазируфта ва дар ибтидо аз мазҳаби зайдӣ пайравӣ мекарданд. Пас аз муддате бо суст шудани пояҳои даъвати аиммаи зайдӣ дар он ҷо ба мазҳаби шиаи имомия даромаданд ва аҳли суннат аз онҳо хеле кам буданд.

бахш: гуфтор (ақвол), рафтор (афъол) ва тақрироти он Ҳазрат (с)-ро фаро мегирад, ки ба он ҳама суннати паёмбар (с) низ гуфта мешавад. Пас корбурди истилоҳии калимаи ҳадис муродифи «суннат» аст. Аммо истилоҳи аҳли ҳадис хеле баъдтар дар даврони рӯёрӯиҳои назароти фиқҳӣ дар байни тобеин ва шояд пас аз пайдоиши нахустин ҳастаи мактабҳои фиқҳӣ ба вуҷуд омада бошад. Дар рӯзгори насли дуюми тобеин ҳамзамон бо густариши доманаи футӯҳоти исломӣ ва рӯ намудани масоили тозаи иҷтимоӣ аҳаммияти фиқҳи равишманд ва низоми ҳуқуқии созмонёфта дар ҷомеа бештар намудор шуд ва мавқеи иҷтимоии асҳоби раъй дар сарзамини Ироқ қувват гирифт. Гуфтанист, ки дар сарзамини Ҳиҷоз низ фақеҳони аҳли Макка, ки аксаран аз шогирдони Ибни Аббос (рз) иборат буданд, бештар ба фиқҳи дирӯӣ ва мактаби асҳоби раъй гароиш доштанд.

Пас аз шаклгирии нахустин ҳастаи мактаби асҳоби раъй, ки бо оғози марҳалаи тадвини улуми исломӣ – ҳадис, тафсир ва фиқҳ дар нимаи аввали асри дуюми ҳиҷрӣ рост меомад, дар баробари онҳо дар байни донишмандони динӣ ҷабҳаи фиқҳии дигаре бо гароиши суннатӣ ба вуҷуд омад, ки баъдтар ба аҳли ҳадис шинохта шуданд. Онҳо дар ибтидо бо номи асҳоб ва ё аҳли асар ё осор шинохта мешуданд, зеро вожаи «асар» (ҷамъаш осор) дар он давра бар тамоми осори ривоӣ ба шумули ҳадис, ақволи саҳобагон ва назароти динии бузургони тобеин итлоқ мешуд ва маъноияш аз ҳадис васеътар буд. Пас аз як давраи комили ҳадисшиносӣ ва нақди илмии иснод ва матни аҳодис ва осор, ки ривоятҳои диниро ба сурати покнависӣ ва мураттаб даровард, дар охирҳои асри дуюм ва оғози асри сеюми ҳиҷрӣ номи он ба аҳли ҳадис иваз шуд.

Ҳаҷми пойбандӣ ва шиддати тамассуки тамоми мансубон ба раванди аҳли ҳадис ба асли пайравии комил аз суннат яксон набуда, онҳо дар маҷмӯъ аз тайфҳои гуногуне ба вуҷуд омада буданд, ҳамон гуна ки интибоқи ин мафҳум ба онҳо, ба маънои канорагирии комили онҳо аз корбурди раъй, амри нисбӣ буд ва асоси ҷудосозии аҳли ҳадис аз асҳоби раъй зоҳиран ба андозаи гароиши ҳар фақеҳ ё мактабҳои фиқҳӣ ба корбурди асар (ҳадис) ё раъй такя мекард. Аз ин рӯ, баъзе муҳаддисони сиранигор, ба монанди Ибни Қутайба дар китоби «ал-Маориф» барҷастатарин намояндагони аҳли ҳадис, ба монанди имом Молик (рҳ), Авзоъӣ (рҳ) ва Суфёни Саврӣ (рҳ)-ро дар радифи имом Абуҳанифа (рҳ) ва дигар намояндагони асҳоби раъй зикр намудааст. Имом Абуюсуф (рҳ) ҳам дар китоби «ал-Хароҷ»-и худ ҳангоми нақли ақволи имом Молик (рҳ) бо таъбири «асҳоб (ёрон)-и мо аз аҳли Ҳиҷоз», ба ин воқеият – нисбӣ будани итлоқи аҳли ҳадис ба аҳли ин мактаб ишора кардааст.[1] Бар ҳамин асос, метавон гуфт, ки ҷомеаи исломӣ дар нимаҳои ахири асри дуюми ҳиҷрӣ дар умум корбурди раъйро ба гунае пазируфта буд ва низоъи байни ду гурӯҳ – асҳоби раъй ва аҳли ҳадис бештар сари таъйини ҳудуди корбурди он дар ҷараён буд.

Намояндагони аҳли ҳадис дар сарзаминҳои гуногуни қаламрави кишвари Ислом сукунат доштанд, вале сарзамини Ҳиҷоз, ба вижа шаҳри Мадина, хезишгоҳи аслии шахсиятҳо ва зодгоҳи андешаҳои пояии ин гароиш ба шумор мерафт. Шахсияти нодири имом Молик (рҳ) бо ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва диние, ки Мадина дар ҷаҳони Ислом дошт, чеҳраҳо ва тайфҳои дигари фиқҳиро дар он ҷо зери шуъоъ қарор дода буд ва таъсири шахсияти ӯ дар шаклгирӣ ва густариши ин раванд, то ҷое буда, ки барои пайгирӣ ва шинохти дақиқи пешинаи аҳли ҳадис бояд ба омӯзиши дақиқи мактаби фиқҳи моликӣ пардохт.

Муслим ибни Холиди Зангӣ, Суфён ибни Уяйна ва Абдуллоҳ ибни Зубайри Ҳумайдӣ дар Макка, Омири Шаъбӣ дар Куфа, Ибни Сирин дар Басра, имом Авзоъӣ дар Шом ва Лайс ибни Саъд дар Миср аз машҳуртарин донишмандони асргаро ва ё суннатгаро – аҳли ҳадис дар он давра ба шумор мераванд. Дар асри сеюми ҳиҷрӣ ин ном барои намояндагони мактаби аҳли ҳадис унвони ифтихориеро касб кард ва таҳдоби мавзӯии он дар бархӯрд бо асҳоби раъй шакли муназзамеро ба худ гирифт. Ибни Надим дар китоби «Алфеҳраст» фанни шашум

[1] Абуюсуф, Яъқуб ибни Иброҳим. Китобу-л-хароҷ (таҳқиқи Тоҳо Абдуррауф Саъд ва Саъд Ҳасанмуҳаммад. – С. 101-102. – Қоҳира: ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 1999.

аз мақолаи шашум»-и китобро ба зикри гузоришоте дар бораи «фақеҳони аҳли ҳадис» ихтисос дода ва шахсиятҳое аз тайфҳои гуногунро, ба монанди Суфёни Саврӣ (рҳ), имом Авзоъӣ (рҳ), Аҳмад ибни Ҳанбал (рҳ) ва Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ), дар канори ҳам овардааст.

Ба ҳар сурат, сарзамини Ироқ муносибтарин муҳити иҷтимоӣ ва фикрӣ барои ташаккул ва рушди андешаҳои аҳли ҳадис пас аз Мадина ба шумор меравад, зеро рақиби фикрии онҳо низ аз ҳамин сарзамин бархоста буд. Бештарин фосила дар мавзеъгириҳои ду гурӯҳ дар ҳамин ҷо дида мешавад, ҳамон гуна ки бештарин қаробати фикрӣ ва наздикии иҷтиҳодӣ дар байни онҳо низ дар ҳамин ҷо ҳосил шудааст. Ин сарзамин ҳам Абуҳанифа (рҳ) ва дигар пайравони асҳоби раъйро дар худ парварида ва ҳам барҷастатарин намояндагони аҳли ҳадис, ба монанди имом Аҳмади Ҳанбал (рҳ), Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ), Суфёни Саврӣ (рҳ) ва дигаронро ба камол расонидааст.

Ба таври умумӣ бояд гуфт, ки давраи пешиниёни аҳли ҳадис дар таърихи фиқҳи аҳли суннат ба бурҳаи таърихие шинохта шуда, ки андешаҳои онҳо бо назароти фиқҳии асҳоби раъй бештарин наздикиро ёфта буд ва тафовути онҳо аз якдигар танҳо дар корбурд ва ё тарҷеҳи бештари раъй ва асар бар якдигар дида мешуд. Аз ҷумла Суфёни Саврӣ (рҳ) – шахсияти барҷастаи ин мактаб дар Ироқ, китобе бо номи «ал-Ҷомеъ фирраъй» дошта, ки то муддатҳо дар маҳфилҳои илмии суннатгароён тадовул доштааст.

Равшантарин вижагии мактаби аҳли ҳадис иборат аст аз:

а) Корбурди ду сарчашмаи аслӣ – Китоб ва Суннат. Барои дарки дақиқтари шеваи истидлолии онҳо ба таҳлили андешаҳои иҷтиҳодии имом Молик (рҳ) мепардозем. Шоёни зикр аст, ки вай дар бархӯрд бо нусуси шаръӣ ба зоҳири Китоб – ба маънои сареҳи оятҳо бисёр пойбандӣ нишон медод ва дар пазириши ҳадисе, ки бо далолати зоҳири Китоб муориз бошад, сахтгир буд, ҳамон гуна ки аз Абуҳанифа (рҳ) низ дар ин хусус ривоят шудааст. Ҳамин пойбандии шадид ба далолати зоҳири нас ва сахтгирӣ дар пазириши асар мӯҷиб шуда, ки аз ин ду имоми ҳадис ва раъй аҳодиси камтаре ривоят шавад. Маҳдуд будани зикри шумораи ҳадисҳои марфуъ дар китоби «Муваттаъ»-и имом Молик (рҳ) баёнгари сахтгирии муаллиф дар гузиниши осори ривоятшуда аст ва ин амр мӯҷиб шуда, ки ин китоб то муддатҳо ба унвони саҳеҳтарин китоби аҳли суннат пас аз китоби Худо ба шумор равад.

б) Андешаҳои фиқҳии саҳобагон ва назароти тобеин низ дар шаклгирии усули фиқҳии мактаби аҳли ҳадис ҷойгоҳи вижае доштааст. Афзун бар ин, дар китоби «Муваттаъ» фатвоҳо ва сираи тобеини маданӣ низ гунҷонида шудааст, ки дар ташаккули бунёдини ин мактаб ва ҷабҳагирии он дар баробари асҳоби раъй таъсири амиқе гузошта. Мадинаи мунаввара ба унвони ҳиҷратгоҳи паёмбари акрам (с) ва зистгоҳи аксари саҳобагон дар назди бисёре аз тобеин хостгоҳи аслии донишҳои динӣ шинохта мешуд ва ин андеша онҳоро ба ин водошта буд, ки суннати маъмул ва меъёрҳои роиҷ дар зиндагонии аҳли Мадинаро суннати талвеҳан таъйидшуда аз сӯи паёмбар (с) ва саҳобагон бипазиранд. Ин вижагӣ амалан ғановати илмие барои мазҳаби фиқҳии аҳли Мадина – мазҳаби имом Молик (рҳ) ба вуҷуд оварда, онро аз руҷӯъ ба захоири зиндаи илмие, ки дар он замон дар дигар сарзаминҳои исломӣ мунташир гашта буданд, ба гунае бениёз сохта буд. Фақеҳони суннатгарои дигар сарзаминҳо бошанд, ба монанди Авзоъӣ, Лайс ибни Саъд ва Суфёни Саврӣ, барои сираи аҳли Мадина ҷойгоҳи мутафовите қоил набуда, онро ба ҳайси санад ва ё далели шаръӣ қабул надоштанд, ҳамон гуна ки дар рисолаи Лайс (рҳ) ба имом Молик (рҳ) омадааст. Манзури имом Молик (рҳ) аз иҷмоъ бештар иҷмои аҳли Мадина буда, дар ҳоле ки имом Авзоъӣ (рҳ) аз он иҷмои аҳли илмро дар назар доштааст.

Дар миёни намояндагони мактаби аҳли ҳадис имом Молик (рҳ), ки таҳсилоти илмиашро ҳам дар назди устодони суннатгарои Мадина, ба монанди Ибни Шиҳоби Зуҳрӣ (рҳ) ва ҳам устодони раъйгарои он ҷо, ба монанди Яҳё ибни Саъиди Ансорӣ (рҳ) ва Рабеаи Раъй (рҳ), ба итмом росонида буд ва дар сохтори андешаҳояш бозтобе аз омезаи назароти фиқҳии онҳо дида мешавад, бештарин наздикиро бо равиши иҷтиҳодии асҳоби раъй дорад. Вай дар истид-

лолоти фиқҳии худ то андозае аз раъйу қиёс истифода намуда, дар иҷтиҳод ба раъй ва пайравӣ аз асар мавзеи миёнае доштааст. Имом Авзоъӣ (рҳ) – фақеҳи суннатгарои Шом низ ба мисли ҷамъи дигаре аз аҳли ҳадис раъй ва қиёсро дар ҳадди қобили мулоҳизае пазиро буда ва ихтилофи байни худ ва имом Абуҳанифа (рҳ)-ро дар масъалаи раъй ғайри асосӣ медонистааст.

Бағдод дар тамоми заминаҳои фарҳанги исломӣ меҳварият дошт ва дар он фақеҳони гуногунгароиш гирд омада буданд. Барҷастатарин шогирдони имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва мактабҳои дигари фиқҳӣ дар он ҷо ҳузур доштанд. Ҳарчанд дар байни онҳо асҳоби раъй дар пешниҳоди фиқҳи мудавван бар дигарон пешӣ доштанд ва ҳатто пайравони аҳли ҳадис низ худро аз маҳфилҳои дарси онҳо бениёз намедиданд, вале зуҳури шахсияти Шофеъӣ (рҳ) шароити илмӣ ва фазои фарҳангиро то андозае барои аҳли ҳадис мусоидтар намуд ва ҳузури чандвақтаи вай дар Бағдод заминаи шаклгирӣ ва рушди сареи усули мактаби аҳли ҳадис ва ҳамин тавр шароити кориро барои шахсиятҳои баъдии ин раванд, ба монанди Аҳмад ибни Ҳанбал (рҳ), Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ) ва дигарон фароҳам овард.

Имом Шофеъӣ (рҳ) тақрибан аз муҳтавои тамоми мактабҳои роиҷи фиқҳии он рӯзгор дар ҷаҳони ислом ба таври пурра огаҳӣ дошт ва андешаҳои фиқҳиаш омеза ва хулосаи ҳамаи онҳоро ташкил медод. Вай давраи таҳсилоти худро дар бораи ин мактабҳо дар Макка назди шогирдони Ибни Аббос (рз), дар Мадина назди имом Молик (рҳ), дар Яман ва Ироқ назди шогирдони Абуҳанифа (рҳ), бахусус имом Муҳаммад (рҳ) аз сарчашмаҳои дасти аввал ва поягузорони он мактабҳо фаро гирифта буд ва равиши фиқҳии ӯ ҳалқаи миёна ва ё омезае аз ин мактабҳо мебошад. Вай ҳам мавқеи аҳли ҳадисро дар баробари асҳоби раъй устувор намуд ва ҳам дар байни онҳо ба гунае пули иртибот гардид.

Имом Шофеъӣ (рҳ) андешаи суннати набавӣ муфассири завоҳири Китобро ба таври ҷиддӣ дар маҳофили фиқҳӣ матраҳ намуд ва бо такя ба он низоми фиқҳии худро ба вуҷуд овард, ки дар он Суннат пас аз Китоб меҳвари асосии аҳком ба шумор меравад. Вале ӯ танҳо аҳодиси марфуъро қобили истинод медонист ва тарҷеҳи ақволи ғайри марфуъ – мавқуфро бар ривоятҳои марфуъ комилан рад мекард.

Бо зуҳури шахсияти нобиға ва камтакрори имом Аҳмад (рҳ) мактаби аҳли ҳадис ба авҷи такомули худ расид ва ӯ тавонист барои ҳамеша фиқҳи равишманд ва низоми фиқҳии қонунманде барои ҷомеа пешкаш намояд. Равиши назарии вай бештар бар асл қарор додани Суннат ва тарки раъй ва қиёс, ҷуз дар мавридҳои зарурӣ, такя мекард ва дурӣ аз тарҳи масоили тақдирӣ низ мабнои талошҳои фиқҳии ӯро ташкил медод. Вай ақвол ва осори саҳоба ва тобеинро бар раъй ва қиёс муқаддам медошт ва аз миёни назароти гуногуни онҳо дар мавриди ҳар масъалае яке аз онҳоро бо меъёрҳои хоссе ихтиёр мекард. Шеваҳои иҷтиҳодӣ ҳарчанд дар фиқҳи имом Аҳмад (рҳ) корбурди нисбатан маҳдудтаре доранд, вале онҳоро комилан рад намекард. Бинобар ин, андешаҳои фиқҳии ӯ ба унвони асилтарин фиқҳи аҳли ҳадис дар ҷомеа қабул гардиданд ва ба номи фиқҳи усулгаро ном баровардand. Пас аз муддате пайвандҳои илмӣ дар миёни пайравони мазҳабҳои гуногуни фиқҳии аҳли суннат ва ошноӣ бо назароти якдигар вусъат ёфт ва мазҳаби имом Аҳмад (рҳ) низ дар радифи мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат қарор гирифт.

Гузашта аз ин, дар ҷаҳони ислом дар ҳамон оғози садаи сеюми ҳиҷрӣ муҷтаҳидони дигаре дар байни аҳли ҳадис бо мактабҳои хосси худ вуҷуд доштанд, ки аксарашон аз ҳеҷ яке аз мактабҳои машҳури фиқҳӣ назди аҳли суннат пайравӣ намекарданд, ба монанди Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ) ва имом Бухорӣ (рҳ) дар Хуросон, Бақӣ ибни Махлад (рҳ) дар Андалус ва ғ. Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ) дар байни фақеҳон чандон ношинохта бошад ҳам, вале дар таҳсилоти фиқҳӣ аз танаввуъе бархӯрдор аст, ки камтар насиби фақеҳони дигар гаштааст. Вай устодоне аз сарзаминҳои мухталиф ва мактабҳои гуногунро дарёфта, ки дар муқоиса бо имом Аҳмад (рҳ) фиқҳи ӯро бо навъе тавассуъ ва эътидол дар байни асар ва раъй ҳамроҳ сохтааст.

Дар садаҳои се ва чаҳори ҳиҷрӣ тарзи нигариши маҳфилҳои аҳли ҳадис дар Хуросон бештар дар ростои андешаҳои Исҳоқ ибни Роҳуя (рҳ) буда ва шахсиятҳое аз шогирдонаш, ба монанди имом Бухорӣ (рҳ) ва имом Тирмизӣ (рҳ) ба таври куллӣ зери таъсири андешаҳои вай

қарор доштаанд. Ҳамин таъсири андешаҳои ӯ дар шахсияти шогирдонаш сабаб гардида, ки китобҳояшонро ба равиши ҳадисӣ-фиқҳӣ таълиф намоянд ва ё аҳодиси паёмбар (с)-ро бар асоси бобҳои фиқҳ тадвин кунанд.

Асҳоби раъй номи яке аз ду гароиши аслӣ ва тамоюли муҳимми фиқҳӣ дар садаҳои нахустини исломӣ буда, ки ба ҷонибдорӣ аз корбурди шеваҳои иҷтиҳод бо раъй дар истинботи аҳкоми фиқҳӣ шуҳрат ёфтааст ва фақеҳони сарзамини Ироқ, бахусус имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёрони ӯ, дар таърих ба унвони барҷастатарин намояндагони ин рӯйкард шинохта шудаанд.

Истилоҳи асҳоби раъй бо фароянди таърихиаш ҳамеша дар баробари истилоҳи асҳоб ва ё аҳли ҳадис қарор дошта, бинобар нисбӣ будани мафҳуми онҳо муайян намудани марзе ва фарқ гузоштан дар байни онҳо душвор аст. Аз баррасии корбурди шеваҳои фиқҳии роиҷ назди аҳли ҳадис ва муқоисаи он бо равишҳои истинбот назди асҳоби раъй бармеояд, ки ихтилофи ҳар ду гурӯҳ дар корбурди раъй ва асар (ҳадис) амри нисбӣ аст. Ҳатто сахттарин тарафдори мактаби аҳли ҳадис корбурди раъйро дар истинботи аҳком ба таври куллӣ рад накарда, балки онро дар мавридҳои муайян ва ба таври маҳдудтаре ба кор бурдааст ва мухолифати шадиди онҳо бештар дар баробари раъйи мазмум будааст ва ҳамин тавр ҳатто шадидтарин фақеҳони раъйгаро низ мухолифат бо ҳадиси саҳеҳ ва ривояти муътамадро ҷоиз нашуморида, корбурди раъйро ба мавридҳои хос ва назароти дурусти иҷтиҳодӣ дар чорчӯбаи шаръ, ҳарчанд бо абъоди васеътаре ҳам бошад, марбут донистаанд.

Решаҳои таърихии раъйгароӣ: корбурди раъй дар фиқҳи исломӣ собиқаи дерина дорад ва решаҳои он ба рӯзгори расули Худо (с) ва замони саҳобагон бармегардад, ки доманаи он баъдҳо хеле густариш ёфт. Раъй дар ин ҷо маъмулан ба ду маъно ва ё дар ду маврид ба кор бурда мешавад: **а)** дар фаҳми дурусти аҳкоми шариат ва шарҳи ҷомеи мафҳумҳои динӣ, **б)** дар истинботи аҳкоми нав (фаръӣ) ба тариқи қиёс, истеҳсон, урф ва дигар сарчашмаҳои коркарди аҳкоми фиқҳӣ. Мавриди аввал, ки ба дарки дурусти ифодаҳои ҳукми (ҳуқуқи)-и масоил вобаста аст, дар истилоҳи фақеҳон бо номи «фиқҳу-л-ҳадис» ва ё малака ва қобилияти дарки нусус (далелҳо)-и шаръӣ шинохта мешавад ва он аз сӯи ҳамаи гароишҳои фиқҳӣ ва мактабҳои ҳуқуқӣ тақрибан ба таври яксон пазируфта шудааст ва он танҳо ба асҳоби раъй марбут намебошад.

Танҳо мавриди дуюм аст, ки дар бораи он баҳсҳои доманадоре дар таърихи фиқҳи исломӣ, аз даврони пайдоиши аввалин мактабҳои фиқҳӣ то имрӯз ҳам дар миёни донишмандони мустақил ва ҳам дар байни намояндагони худи мактабҳои фиқҳӣ дар ҷараён аст. Ихтилофи бинишҳо ва вуҷуди гуногунназарӣ дар порае аз аҳкоми фиқҳӣ фароянди табиӣ, вале ғайри куллии рӯй овардан ба раъй дар он масоиле, ки дар Китоб ва Суннат ҳукме дар бораи онҳо наомадааст, ба шумор меравад, зеро агар корбурди раъй дар умум ба бурузи бахше аз онҳо кӯмак карда бошад ҳам, вале мухталиф будани ривоятҳои мавриди истинод ва гуногунии сарчашмаи истинботи онҳо – ҳадисҳои он мавзӯъ асоси бисёре аз назароти гуногуни фиқҳӣ дар масоили иҷтиҳодӣ мебошад, ки он қисман ба маънои аввали раъй бармегардад.

Назароти фиқҳӣ ва ақволи иҷтиҳодии саҳобагон ва андешаҳои насли аввали тобеин низ санад ва мероси боғановати ҳуқуқиеро барои наслҳои баъдӣ ба вуҷуд овардаанд. Ҳарчанд ин назароти фиқҳӣ барои наслҳои баъдӣ ақволи маъсур ва ё «осор»-и ривоӣ ба шумор мерафтанд ва пас аз ду сарчашмаи аввали шаръ – Қуръон ва Суннат дар ҷои сеюм меистоданд, вале ба гунае доираи корбурди раъйро ҳам дар фаҳми масоил ва ҳам дар истинботи аҳкоми нав густариш доданд.

Ба ҳар сурат, равиши корбурди раъй ба маънои илмиаш дар сарзамини Ироқ, ба вижа дар шаҳри Куфа пештар аз дигар сарзаминҳои исломӣ ва марказҳои илмии ҷаҳони Ислом рушд ва такомул ёфт. Ҳузури бевосита ва ё ба воситаи се тан аз саҳобагони бузурги паёмбар (с) – Умар (рз), Алӣ (рз) ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз), ки дар байни саҳоба аз тарафдорони корбурди раъй ба шумор мерафтанд, дар ин сарзамин дар ташаккули сареи ин раванд нақши муассир дошта ва онҳо нахустин поягузори он будаанд. Умар ибни Хаттоб (рз) халифаи

дуюм ба воситаи коргузорон, намояндагони таълимӣ ва номаҳои ирсолии худ дар ташкили нахустин ҳалқаҳои дарси фиқҳ нақши умда дошта, ба тартиб заминаи таъсиси мактабҳои фиқҳӣ, рӯйкарди фиқҳи тақдирӣ ва ҳамин тавр корбурди раъйро ба вуҷуд овард. Ибни Масъуд (рз) – фақеҳи уммат ва Алӣ (рз), халифаи чаҳорум дар он ҷо ҳузури бевосита доштанд, ки он ба рушди ин раванд суръат бахшид. Тобеини куфӣ ва худи имом Абуҳанифа (рҳ) – намоёнтарин чеҳраи мактаби аҳли раъй амал ба раъйи фиқҳӣ ва усули мактаби худро бар пояи назароти фиқҳии он се саҳоба медонанд. Дар такомули раванди корбурди раъй дар ҳавзаҳои ҳуқуқии сарзамини Ироқ пас аз он ақволи фиқҳии Ибни Аббос (рз) ва Ибни Умар (рз) низ таъсири созандае доштаанд.

Дар нимаи дуюми садаи аввали ҳиҷрӣ ҳарчанд ҳанӯз ҳам мухолифатҳое дар миёни фақеҳони сарзамини Ироқ нисбат ба корбурди раъй дар истинботи аҳкоми фиқҳӣ ба чашм мехӯрад ва аз сӯи баъзе тобеини машҳур, чун Иброҳими Нахаъӣ (рҳ) ва Омири Шаъбӣ (рҳ) дар Куфа ва Ҳасани Басрӣ (рҳ) ва Муҳаммад ибни Сирин (рҳ) дар Басра мавзеъгириҳои сахте дар баробари баъзе навъҳои раъй сурат мегирифт, вале аз сӯи ҳама корбурди маҳдуди он ва дар ҳадди посух ба рӯйдодҳои тоза пазируфта шуда буд ва бо омадани насли сеюми тобеин шароити иҷтимоӣ ва зеҳнӣ ба таври куллӣ барои қабули он омода гардид.

Мансуб гардидани намояндагони ин гароиш ба номи асҳоби раъй ҳарчанд ба гунае ба мафҳум он – ҷонибдорӣ аз корбурди васеи раъй дар истинботи аҳком гиреҳ хӯрда, вале саргаҳи пайдоиши он ба корбурди вожаи «а-раайта» (أَرَأَيْتَ) дар тарҳи масоили тақдирӣ бармегардад. Яке аз тафовутҳои усулие, ки дар байни фиқҳи аҳли Ироқ, бахусус мактаби ҳанафӣ ва фиқҳи Ҳиҷоз вуҷуд дошт, он буд, ки маҷмӯаи васее аз масоили ифтирозӣ ва ҳаводиси рӯйнадода дар ҳалқаҳои дарсии он ҷо матраҳ ва мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд, ки баъдан он бахше аз фиқҳ бо номи «фиқҳи тақдирӣ»-ро ба вуҷуд овард. Ин масоил бо ибораи «а-раайта» ва ё «а-раайта лав кона казо – агар ҳодиса ва ё масъалае ба ин сурат рӯй диҳад, назар ва раъйи шумо дар бораи он чист?» матраҳ мешуданд. Онҳо дар воқеъ, бо матраҳ намудани матолиби фиқҳӣ ва масоили тақдирӣ ба ин сурат илми фиқҳро аз ҷиҳати назариявӣ густариш дода ва шакл гирифтани мавзӯоти фиқҳӣ ба сурати илми мустақил аз кӯшишҳои онҳо моя гирифтааст. Ин фақеҳон дар маҳфилҳои илмии Куфа дар нимаи дуюми садаи аввал барои пур намудани кунҷковиҳои фиқҳӣ ва густариши назарияҳои ҳуқуқии худ ба тарҳи масоили ифтирозӣ ва пурсишҳои тақдирӣ мепардохтанд ва ҷаноҳи мухолиф онҳоро асҳоби «а-раайта» ва «а-раайтаҳо» мегуфтанд. Ин номгузорӣ ба он ҷиҳат буда, ки онҳо пурсишҳои ифтирозии худро дар назди устод бо ибораи шаклгирифтаи «а-раайта» пешниҳод мекарданд.

Ҷараёни ташаккули рӯйкарди асҳоби раъй ва омили номгузории ин даста аз фақеҳони сарзамини Ироқ ҳарчи буда, он амалан ба шаклгирии низоми қонунманди фиқҳӣ ва иртиботи равишманде дар миёни масоил ва тавоноии посухгӯӣ ба пурсишҳои эҳтимолӣ анҷомид.

Калимаи «раъй» дар луғат ба маънои андеша, тааммул ва корбурди нерӯҳои фикрӣ ва зеҳнӣ дар баррасӣ ва муҳокимаи масоил мебошад ва дар истилоҳи уламои усул ба маънои истифодаи васеи нерӯҳои фикрӣ дар қиёси масоили фиқҳӣ ва ё истинботи масоили иҷтиҳодӣ ба тариқи қиёс аст. Дар ибтидо дар сарчашмаҳои динӣ ин калима ба ҳамон маънои васеи луғавиаш ба кор мерафт, вале пас аз пайдоиш ва шаклгирии мактабҳои фиқҳӣ ба маънои истифодаи нерӯи ақлу андеша ва ё асли қиёс дар коркарди масоили фиқҳӣ ихтисоси бештаре пайдо кард.

Ба кор бурдани фикру андеша дар баррасии аҳкоми шаръ ва саъйу талош дар дарки дурусти масоил яке аз асосҳои муҳимми дин ба шумор меравад ва он аз ҳамон ибтидои зуҳури дини Ислом маъмул буд. Чунонки вақте Абубакр (рз) дар бораи маънои калимаи «калола» дар ояти 12-ум ва 176-уми сураи Нисо пурсида шуд, гуфт: Ман дар бораи ин калима ба раъй – ба фикри худам назар медиҳам, агар ҷавобам дуруст бошад, он (иноятe) аз ҷониби Худо аст, вале агар нодуруст бошад, пас он аз ҷониби худам буда. Калола ба маънои мард ё зане аст, ки падар ва фарзанде надошта бошад.[1]

[1] Аҳмад Алаён, Таърихи қонунгузорӣ ва фиқҳи исломӣ. – С. 146. – Риёз: Дори Ишбилиё, 2003.

Саҳобагони расули Худо (с) раъйро ба маънои васеаш, яъне ҳам дар дарки маънои оятҳо ва нусус (далелҳо)-и дигари шаръ, ҳам дар татбиқи дурусти аҳком ва ҳам дар қиёси масоили тоза ба кор мебурданд. Мас., дар бораи ҳадди нӯшидани арақ ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар (ҳадди нӯшидани) арақ бо шохчаҳои дарахти хурмо ва наълҳо (пойафзорҳо) чиҳил тозиёна мезад, Абубакр низ дар (ҳад – муҷозоти) арақ чиҳил тозиёна мезад. Вақте Умар корро ба даст гирифт, мардумро фаро хонд ва фармуд: Мардум (ҳоло) ба деҳот наздик шудаанд, пас дар бораи ҳадди шароб чӣ андеша доред? Абдурраҳмон ибни Авф фармуд: Фикр мекунем, ки онро ба монанди сабуктарин ҳадҳо (муҷозотҳои шаръӣ) бигардонӣ. Пас аз он Умар дар (ҳадди) шароб чиҳил тозиёна мезад»***.[1]

Аз Умар – халифаи дуввум (рз) дар бораи адади талоқ низ чунин ривояте ворид шудааст, яъне касе дар як маҷлис се талоқро ба ҳамсараш нисбат медод, он дар замони расули Худо (с), дар давраи хилофати Абубакр (рз) ва дар ибтидои хилофати Умар (рз) як талоқ ба шумор мерафт, вале вақте Умар (рз) дид, ки мардум нисбат ба масъалаи талоқ бепарвоёна рафтор менамоянд, онро се талоқ муқаррар намуд, то мардум ба ин кор ҷуръат накунанд ва аҳкоми Худоро бозичае насозанд.[2] (Барои огаҳии бештар аз ин масъала ба «Ҳукми сеталоқа» дар китоби Талоқ мурочиат шавад!).

Маънои калимаи «раъй» дар ибтидо корбасти васее дошта, ҳам ба маънои истифодаи нерӯи фикру андеша дар дарки саҳеҳи аҳкоми шаръ ва ҳам ба маънои қиёс ба кор мерафт ва мавзӯи корбасти раъй ба ҳамон маънои васеаш то замони атбои тобеин ҳамчунон идома дошт.

Давраи атбои тобеин ба пайдоиш ва ташаккули мактабҳои фиқҳӣ мусодиф буд, ки раъй дар онҳо корбурди хоссе дошт. Ҳарчанд калимаи раъй ҳанӯз ба ҳамон маънои васеи луғавӣ низ истифода мешуд, вале онро бештар ба корбурди асли қиёс итлоқ мекарданд. Аз сӯи дигар, дар замони онҳо вазъ (сохтан)-и ҳадис ба таври изтиробоваре интишор ёфта буд ва ин ҳолат уламоро дар қабули ҳадисҳо, осор, ривоятҳо ва адолати худи ровиён ба гузоштани шартҳо ва меъёрҳое маҷбур сохт, ки дар зимни онҳо ба таҳқиқу баррасӣ ва муайян сохтани сиҳҳат ва суқми онҳо мепардохтанд. Ин меъёрҳо минбаъд дар байни муҳаддисон ба ҳайси асосҳои илми ҳадисшиносӣ қабул гардиданд ва ҳамзамон чорчӯбаи корбурди раъйро то андозае муайян намуданд.

Баъдҳо он ба маънои истифода аз асли қиёс маҳдуд гардид ва асҳоби раъй ба онҳое гуфта мешуд, ки қиёсро дар коркарди ҳукми масоили тоза бештар ба кор мегирифтанд.

Сухани машҳури имом Абуҳанифа (рҳ) дар ҷавоби Абуҷаъфари Мансур ба ҳамин маънои қиёс далолат мекунад. Ба халифаи аббосӣ Мансур хабар расида буд, ки Абуҳанифа (рҳ) дар таҳқиқи масоили динӣ бо раъйи худаш кор мекунад ва қиёсро бар нас (далел)-и шаръӣ тарҷеҳ медиҳад. Вай фавран Абуҳанифаро фаро хонд ва пурсид: Дар бораи хабаре, ки ба мо расидааст, чӣ мегуӣ?

Абуҳанифа (рҳ) фармуд: «Эй амири муъминон, кор на ба он суратест, ки ба ту расида. Ман аввал ба китоби Худо амал менамоям, пас аз он ба суннати расули Худо (с), сипас ба ҳукмҳо ва намунаҳои амалие, ки аз Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ (ба мо) расидааст ва пас аз он ба ақвол ва амалкарди дигар саҳобагон. Агар онҳо дар масъалае бо ҳам ихтилофи назар дошта бошанд, аз ақволи онҳо якеро интихоб менамоям ва агар ин ҳам мавҷуд набошад, он гоҳ қиёсро ба кор мебарам ва дар миёни Худо ва халқаш ҳеҷ гуна қаробате вуҷуд надорад».[3]

Пешвоёни фиқҳии аҳли суннат ҳама аз асли раъй ба ҳамон маънои васеаш истифода намудаанд. Абдуллоҳ ибни Муборак мефармояд: «… Агар ба раъй ниёзе пайдо шавад, пас раъйи Молик, Суфён ва Абуҳанифа аз ҳама беҳтар аст, вале (раъйи) Абуҳанифа хубтар, дақиқтар ва ӯ аз масоили фиқҳ огоҳтар ва аз ҳар дуи онҳо фақеҳтар аст».[4]

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 6773, 6776; Саҳеҳи Муслим, 4429 (1706)-36, 37.

[2] Муҳаммадқосими Ҳорисӣ, Ҷойгоҳи Абуҳанифа (рҳ) дар байни муҳаддисон,. – С. 516. – Макка: Матобеи Сафо, 1993, ба нақл аз Мусаннафи Абдурраззоқ, 3001. – Ҷ. 3. – С. 55.

[3] Ваҳбӣ Сулаймон Ғовҷӣ. Абуҳанифа Нӯъмон имоми аиммаи фуқаҳо. – С. 138. – Димишқ: Дорулқалам, 1993.

[4] Мустафо Шакъа. Имоми Аъзам Абуҳанифа, Нӯъмон. – С. 167. – Бейрут: Дору-л-китоби-л-лубнонӣ, 1983.

Имом Молик (рҳ) ва имом Шофеъӣ (рҳ) низ дар ҳолатҳои зарурӣ ба таври васее аз раъй ва қиёс истифода намудаанд. Мас., имом Молик (рҳ) дар корбурди амалӣ ва таҳлили ҳадиси саҳеҳе, ки ба ҳафт бор шустани зарфе, ки саг дар он даҳон задааст, амр менамояд ва бояд як бори он бо хок бошад, назари дигаре дорад. Вай бо муқоисаи ин ҳадис ба ояти 4-уми сураи Моида, ки хӯрдани гӯшти сайди сагони шикориро ҷоиз медонад, чунин натиҷаи фиқҳӣ мегирад, ки: Вақте хӯрдани гӯшти сайди сагҳои шикорӣ ҳалол бошад, пас ҳафт бор шустани зарфе, ки саг дар он даҳон задааст, зарурат надорад, зеро луоби даҳони саг ба гӯшти сайд низ махлут мегардад, дар ҳоле, ки ба ҳафт бор шустани он амр нашудааст.[1]

Имом Шофеъӣ (рҳ) мефармояд: (Сарчашмаҳои) илм (-и шаръ) ба чаҳор табақа тақсим мешаванд: Аввал, Китоб ва Суннат, дуюм, иҷмоъ дар он масъалае, ки (ҳукми он) дар Китоб ва Суннат пайдо нашавад, сеюм, ақвол ва назароти муттафиқонаи саҳобагон, чаҳорум, назарот ва амалкарди гуногуни онҳо ва панҷум, қиёс.[2]

Ҳуҷҷат ва асли шаръӣ будани қиёс бо Қуръон, Суннат ва гуфтаҳо ва амалкарди саҳобагон собит шудааст. Дар ояти 59-уми сураи Нисо омада: **«Эй касоне, ки имон овардаед, Худо, Паёмбар ва соҳибамрони худро итоат намоед. Агар дар чизе бо ҳам низоъ намудед, онро ба** (сӯи) **Худо ва паёмбар баргардонед, агар ба Худо ва ба рӯзи охират имон дошта бошед!…»**.

Баргардонидани масъалае, ки дар бораи он дар китоби Худо ва дар суннати паёмбар (с) ҳукме наомадааст, ба сӯи онҳо бо корбурди қиёс сурат мегирад. Дар суннати набавӣ омадааст, ки расули Худо (с) вақте Муъоз (рз)-ро ба Яман фиристод, аз вай пурсид: ***«… Агар (ҳукми масъалаеро) дар Китоби Худо ва суннати расули Ӯ наёфтӣ? Муъоз гуфт: Он гоҳ фикрамро ба кор мегирам ва (чизеро) дареғ намедорам»***.[3]

Умар ибни Хаттоб (рз) вақте Абумусои Ашъарӣ (рз)-ро дар Басра коргузор ва волии худ таъйин кард, барояш рисолае дар баёни тарзи коргузорӣ ва судури аҳкоми шаръӣ навишт, ки дар илми усул асли муҳим ва санади ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар он омадааст:

«Бидон, ки қазо (ва ҳукми шаръ) фаризаи муҳкам ва суннати пайравигардида мебошад, пас фаҳмро ба кор гир! Вақте барои ту ҳуҷҷате пешниҳод гардид ва ҳақ бароят равшан гашт, онро ба иҷро гузор!. Зеро гуфтани ҳақ, вақте ба иҷро гузошта нашавад, фоидае надорад.

Дар он корҳое, ки бароят пеш омадаанд ва дар Қуръон ва Суннат дар бораи онҳо чизе наомадааст, фаҳмро ба кор гир!. (Аввал) корҳои ба ҳам монанд ва яксонро бишинос, он гоҳ онҳоро бо раъйат (ба ҳам) қиёс кун ва маҳбубтарини онҳо ба сӯи Худо ва монандтаринашон ба ҳақро аз назари худ баргузин!».[4] Умар (рз) дар ин рисола машрӯият ва тарзи корбурди раъй ва асли қиёсро ба таври равшан баён намудааст.

Фақеҳон ва донишмандони ҷонибдори истифода аз раъйу қиёс ҳарчанд аз худ дифоъ мекарданд ва худро аз раъйи фосид ва қиёси нодуруст барӣ медонистанд, вале ин суитафоҳум ва интиқодоти дуҷониба то охирҳои асри чаҳоруми ҳиҷрӣ ҳамчунон бо шиддат идома дошт.

Имом Аҳмад (рҳ), ки аз муҳаддисон ва мухолифони корбурди раъй буд, дар ин бора мегуяд: «Ҳамвора мо асҳоби раъйро ва онҳо моро нафрин мекарданд, то он ки бо имом Шофеъӣ ҳамнишин шудем».

Имом Абуҳанифа (рҳ) ба ҳамин муносибат дар дифоъ аз равиши кории худ дар истинботи аҳком мегуяд: «Мо қиёсро ба кор намебарем, магар дар вақти зарурати аз ҳад зиёд. Зеро мо нахуст далели масъаларо аз Китоб, Суннат ва ё амалкарди саҳобагон ҷустуҷӯ менамоем. Вақте дар инҳо далеле барои он масъала наёфтем, он гоҳ масъалаи маскутун анҳ (масъалае, ки дар бораи он далеле дар сарчашмаҳои сегона наомадааст)-ро бо мантуқун биҳ (масъалае, ки

---

[1] Ҷойгоҳи Абуҳанифа (рҳ) дар байни муҳаддисон. – С. 519.

[2] Мустафо Шакъа. Имоми Аъзам Абуҳанифа. – С. 171, ба нақл аз «Эълому-л-муваққиъин». Барои касби огаҳии бештар дар бораи сарчашмаҳои шаръ ба китоби «Имом Абуҳанифа (рҳ) бузургмарде дар таърихи башарият» муроҷиат намоед!

[3] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абубакр маъруф ба Ибни Қаййими Ҷавзӣ. Эълому-л-муваққиъин. – С. 158. – Бейрут: Дору-л-китоби-л-арабӣ, 2006.

[4] Абдулваҳҳоб Халлоф. Илми усули фиқҳ. – С. 63. – Қоҳира: Дорулҳадис, 2003; Муҳаммадалии Соис. Таърихи фиқҳи исломӣ. – С. 100, 101. – Димишқ: Дорулфикр, 1999, ба нақл аз «Эълому-л-муваққиъин».

далели он зикр гардидааст), қиёс менамоем».[1]

Вай на танҳо туҳмати истифода аз раъйи шахсӣ ва қиёси нодуруст дар масоили шаръӣ ва ё дар назар нагирифтани далелҳои шаръӣ, балки корбурди қиёси саҳеҳро дар ҷое, ки далеле аз Китоб ва Суннат вуҷуд дошта бошад, рад намудааст: *«Ба Ҳудо, бар мо дуруғ ва туҳмат бастааст, касе бигӯяд, ки мо қиёсро бар нас – далелҳои шаръ муқаддам медорем. Оё пас аз нас – далели шаръӣ ниёзе ба қиёс боқӣ мемонад?»*.[2]

Вуҷуд надоштани робитаи доимӣ дар байни донишмандон ва марказҳои гуногуни ҷаҳони Ислом дар он рӯзгор яке аз муҳимтарин омилҳои ба вуҷуд омадани чунин суитафоҳумҳо, паҳн гаштани хабарҳои нодуруст аз номи бузургони фиқҳу ҳадис ва дар ниҳоят, сарзанишҳои онҳо аз якдигар мебошад. Зеро аксари ин донишмандон ва марказҳои илмӣ ба сурати мустақил фаъолият мекарданд ва дар ин ҷода аз ҳукумат пайравӣ намекарданд, то корҳои онҳо ба таври расмӣ ба танзим дароварда шаванд ва аз чунин суитафоҳумҳое ҷилавгирӣ шавад. Худи онҳо бошанд, наметавонистанд якдигарро тезтез ва дар фурсатҳои муносиб бубинанд ва ба андешаҳои якдигар аз наздик шинос шаванд. Бинобар ин, ин кор вақт мехост, то бо гузашти замон ва пайванди наздики андешаҳо ин нофаҳмиҳо аз байн бираванд.

Гузашта аз ин, таърихи ташаккули фиқҳ ва пешрафти ҷомеаи исломӣ дар тӯли асрҳо низ нишон дод, ки бе корбурди қиёс масоил ва ҳаводиси зиёде норавшан ва бечавоб боқӣ мемонданд ва дар натиҷа илми фиқҳ ва дар маҷмӯъ арзишҳои дини Ислом барои тамоми асрҳо ва наслҳо ҳамсозӣ ва созгорӣ пайдо намекард. Пас корбурди асли қиёс риштаи фиқҳ ва умуман, доираи қонунгузории исломиро аз чунин сарнавиште наҷот дод, ки саҳми имом Абуҳанифа (рҳ) ва мактаби фиқҳиаш дар ин ҷо бисёр бузург аст.

Бояд эътироф намуд, ки Абуҳанифа (рҳ) қиёс – асл ва сарчашмаи чаҳоруми аҳкоми шаръро дар хидмати ҷомеаи исломӣ ва бо мақсади эҷоди сабукӣ ва расидан ба аҳкоми дурусте, ки ба рӯҳи шариати Ислом ҳамсозӣ дошта бошанд, ба кор гирифтааст.

Донишмандони ғарбӣ пас аз давраи Эҳё (Ренессанс) аз китобҳои фиқҳ ва равишҳои қонунгузории исломӣ сахт мутаассир гардида, на танҳо сохтор ва қолаби қонунҳои худро бар таҳдоби қонунҳои исломӣ рехтанд, балки тамоми аслҳои фаръии онро ба ҳайси сарчашмаҳои қонунгузории худ қабул карданд.

Баъдҳо тамоми назарияҳои ҳуқуқӣ ва таълимоте, ки имрӯз дар бораи бахшҳои алоҳидаи қонун дар кишварҳои мутамаддини дунё мавриди омӯзиш қарор мегиранд, дар заминаи асли қиёс ба вуҷуд омадаанд.

Аҳли суннат ва ҷамоат أَهل سُنَّت و جمَاعَت, мафҳуми динӣ фирқашиносӣ, номи бузургтарин ҷамоаи мусулмонон, ки аксарияти уммати исломро ташкил медиҳанд ва онҳоро сунниён ва аҳли тасаннун низ мегӯянд. Онҳо барои он ба ин ном мавсум шудаанд, ки суннати паёмбар (с)-ро, ки аз тариқи саҳобагони он Ҳазрат (с) ба наслҳои баъдӣ интиқол ёфтааст, сарчашмаи дуюми аҳкоми шаръ пас аз Қуръон медонанд, барои ақвол ва осори ривоятшуда аз саҳобаи расули акрам (с), бахусус хулафои чаҳоргона дар қонунгузории исломӣ эътибори хоссе қоил ҳастанд, хилофати чаҳор ёри кибор (рз)-ро бо ҳамон тартиби таърихиашон қабул доранд ва ба ҳамаи саҳобагони паёмбари акрам (с) арҷ мегузоранд, муқобили аҳли ташайюъ. Аз назари онҳо суннат (ақвол, афъол ва тақрирот)-и паёмбар (с) ҳам тафсиркунандаи муҷмали китоби Худо ва ҳам поягузори аҳкоме ба таври мустақил аст ва саҳобагон ва ёрони он Ҳазрат (с) сарҳалқа ва беҳтарин насли уммати муҳаммадӣ буда, дини ислом дар маҷмӯъ – ҳам Қуръон ва ҳам Суннат ба василаи онҳо ба наслҳои баъдӣ таҳвил дода шудааст.

Ин истилоҳ дар фарҳанги фирқашиносии динӣ маъмулан барои ифодаи равиши эътиқодӣ, усули ақоид ва пойгоҳи тавҳидии ҷумҳур ва оммаи мусулмонон корбурд шуда, дар баробари аҳли бидъат ва тавоифи ақлгаро, ба монанди хаворичҷ, мурҷиа, равофиз – фирқаҳои гуногуни шиа, қарор дорад. Аҳли суннат аз ҷиҳати коркарди аҳком ва истинботи масоили фиқҳӣ ба ду даста ҷудо мешаванд, яке пайравони мактабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ – ҳанафӣ, моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ, мактаби фиқҳии Довуди Зоҳирӣ мавсум ба мазҳаби зоҳирӣ ва орои мустақилли фиқҳӣ

[1] Имоми Аъзам Абуҳанифа. – С. 173.

[2] Ҷойгоҳи Абуҳанифа (рҳ) дар байни муҳаддисон. – С. 523, ба нақл аз китоби «ал-Мизон»-и Шаъронӣ.

ва дигаре пайравони мактаби аҳли ҳадис. Аҳли суннат аксарияти мутлақи уммати исломро ташкил дода, шумораи онҳо тибқи оморгириҳои имрӯза дар кишварҳои исломӣ ва берун аз он бештар аз як миллиарду дусад миллион (1 200 000) нафар – шашяки аҳолии дунё мебошад.

Аз назари таърихӣ дар аҳди халифаи чаҳорум – Алӣ ибни Абутолиб (рз) ва пас аз вай ҷаҳони исломро ошубҳои дохилие фаро гирифта буд, ки ба зуҳури фирқаҳои наве бо андешаҳои сиёсӣ ва бардоштҳои хосси динӣ анҷомид, ки бо назароти динии аксарияти уммат дар тазод қарор доштанд. Пас аз пайдоиши ин фирқаҳои фикрӣ-сиёсӣ дар ин давра барои муайян намудани хатти фикрӣ ва ҷудо сохтани андешаҳои динии оммаи мусулмонон бар онҳо номи аҳли суннат ва ҷамоат итлоқ гардид. То он замон ҳамаи мусулмонон уммати ягонаи ислом ва муъмину муслим шинохта мешуданд ва аз андешаҳои мухолифи эътиқодӣ ҳанӯз зикре дар миён набуд. Аҳли суннат, яъне онҳое, ки дар ақида ба роҳи бидъат нарафтаанд ва ҷамоат, яъне онҳое, ки аз парокандагӣ, фирқагароӣ ва пайравӣ аз ҳаво ва ақоиди ботил маҳфуз мондаанд.

ПӮЁИИ ФИҚҲИ ИСЛОМӢ

Хунук он пурдилони динпарвар,
Дил ба дин сарф карда ҷон бар сар.
Зи улуми гузаштагон варақе,
Назди эшон беҳ аз тило табақе.
Илмҷӯёни омил эшонанд,
Росткорони комил эшонанд.
Дили он кас, ки дарди дин дорад,
Доғи инсоф бар ҷабин дорад.
Сирати он гузаштагон бишнав,
Чун шунидӣ, бинеҳ асоси нав!

(Авҳадӣ. Маснавии Ҷоми Ҷам)

Ҷавҳари маърифатии таълимоти ислом аз ҳамон оғози интишор ва дар байни тамоми миллатҳои пайрави хеш зарфиятҳои зеҳнӣ ва тавоноиҳои илмиро дар шахсиятҳои боистеъдод ба камол расонида, ҳисси ковишгарӣ, пӯёии рӯҳӣ ва нубуғи фикриро дар онҳо бедор сохтааст. Дар фарҳанги қуръонӣ бехабарӣ, беилмӣ, рукуди фикрӣ ва кӯр-кӯрона аз дунболи ҳар чизе гаштан борҳо мавриди накӯҳиш қарор гирифта, ба мусулмонон гӯшзад шудааст, ки аз муаттал гузоштани воситаҳои касби илм ва ба кор нагирифтани ҳавосси худ бозхост хоҳанд шуд, он ҷо ки мефармояд: **«Ва он чизеро, ки дар бораш илме надорӣ пайгирӣ накун, ки шунавой ва биной ва дил аз ҳар кадоми инҳо пурсида хоҳад шуд»**.[1]

Ҳамзамон дар даҳҳо ояти дигар ба аҳамияти илм ва нақши донишмандон дар пешрафти улум ва таъмини саодати инсон дар дунё ва охират ишора шуда ва мусулмонон ба таври мукаррар ба фарогирии илму дониш тавсия шудаанд, аз ҷумла мефармояд: **«Худованд дараҷоти онҳоеро аз шумо, ки имон овардаанд ва онҳоеро, ки ба эшон илм дода шудааст, баланд мебардорад…»**[2] ва ба паёмбараш (с) амр мекунад, ки **«Бигӯ: Парвардигоро, илми маро афзун гардон»**.[3]

Дар маҷмӯаи гаронмояи суннати набавӣ ин раванди маърифатӣ бо вусъати бештаре идома ёфта, мусулмонон бо мушоҳидаи татбиқи амалии аҳком, ҳукмномаҳо, равиши ҳалли масоили шаръӣ ва бо ҳузур дар раванди баррасии масоили иҷтимоӣ, ки аз сӯи расули Худо (с) ба мавриди иҷро гузошта мешуданд, амалан барои ҷунбиши азими илмӣ ва бедории фикрие омода гардида буданд. Дар омӯзаҳои Суннат илова бар тавсияҳои умумие, ки ба фарогирии илму дониш ташвиқ менамоянд, тариқаи коркарди аҳком, ҷустуҷӯи далел, қиёси масоили ҳамреша ва дар ниҳоят расидан ба натиҷаҳои иҷтиҳодӣ низ ба мусулмонон нишон дода шудааст.

Ин воқеияти илмӣ дар суханони пешвоёни мактабҳои фиқҳӣ низ ба чашм мехӯрад. Аз имом Абуҳанифа (рҳ) – поягузори мазҳаби ҳанафӣ – **ду асли муҳимме** ривоят шудааст, ки тӯли чандин садсола бар фарорӯи муҷтаҳидон ва фақеҳони баъдӣ қарор дошта, яке аз муҳимтарин омилҳои борварии иҷтиҳодоти фиқҳӣ ва талошҳои илмии онҳо ба шумор мерафтанд.

1. Нахуст, барои ҷалби таваҷҷуҳи коршиносони соҳа ба аҳаммияти Суннат ва ин ки фазои қонунгузории исломӣ пас аз далоили Китоб (Қуръон) бояд бо таълимоти он пур шавад, мефармояд: *«Вақте ҳадисе ба таври саҳеҳ собит шуд, он мазҳаби ман аст»* ва низ мефармояд: *«Вақте барои шумо далеле собит шуд, ҳамон далелро бигӯед»*.[4]

[1] Сураи Исро, 17: 36.
[2] Сураи Муҷодала, 58: 11.
[3] Сураи Тоҳо, 20: 114.

[4] Имом Бурҳонуддин Абулмаъолӣ Маҳмуд ибни Садрушшариат ибни Мозаи Бухорӣ, Муҳити Бурҳонӣ. Муқаддима. – Ҷ. 1. – С. 51.

Шаъронӣ дар китоби «ал-Мизон» ба нақл аз Абуҷаъфари Шизоморӣ (Балхӣ) бо санади муттасил ба имом Абуҳанифа (рҳ) оварда, ки фармуд: *«Ба Худо, бар мо дурӯғ ва туҳмат бастааст, касе бигӯяд, ки мо қиёсро бар нас муқаддам медорем. Оё пас аз нас ниёзе ба қиёс боқӣ мемонад!?»*. Боз мефармояд: *«Мо қиёсро ба кор намебарем, магар дар вақти зарурати аз ҳад зиёд. Зеро мо нахуст далели масъаларо аз Китоб, Суннат ё амалкард ва ақзия – ҳукмномаҳои саҳобагон ҷустуҷӯ менамоем. Вақте дар инҳо далеле барои он масъала*

наёфтем, он гоҳ масъалаи маскутун анҳ (масъалае, ки дар бораи он далеле дар сарчашмаҳои сегона наомадааст)-ро бо мантуқун биҳ (масъалае, ки далели он зикр гардидааст) бо ҷомеи иттиҳоди иллат дар байнашон қиёс мекунем». Дар ҷои дигар мефармояд: *«Он чи аз расули Худо (с) омада, бар сару чашм, падару модарам фидояш ва мо ҳаққи мухолифат бо онро надорем, он чи аз саҳобагони он ҳазрат (с) омада,* (агар дар масъалае чанд қавли бо ҳам мутафовит вуҷуд дошта бошад) *якеро* (барои амал) *ихтиёр мекунем* (ва аз қавли онҳо берун намеравем) *ва он чи аз ғайри онҳо омада, пас онҳо ҳам мардоне буданд ва мо ҳам мардоне ҳастем* (яъне ба мисли онҳо иҷтиҳод мекунем ва назари худро иброз медорем)». Вай дар накӯҳиши раъй ва аз пеши худ сухан гуфтан дар дин фармуда: *«Аз сухан гуфтан бо раъйи худ дар дини Худо бипарҳезед ва пайравӣ аз суннатро бар худ лозим гиред! Касе аз суннат берун шавад, гумроҳ гардад».* Боз фармуда: *«Ҳаром бод бар касе, ки далели маро надониста, ба қавли ман фатво медиҳад»* ва вақте ба қавле фатво медод, мегуфт: *«Ин назар ва раъйи Абуҳанифа ва беҳтарин чизе аст, ки мо тавонистем. Касе беҳтар аз онро биёварад, он авлотар ба савоб аз* (раъйи) *мо аст».* Ҳамчунин мефармуд: *«Мардум ҳамеша дар салоҳ ҳастанд, то вақте дар миёни онҳо касоне бошанд, ки талаби ҳадис кунанд ва ҳамин ки илмро бе ҳадис талаб карданд, фосид шаванд»* ва низ мегуфт: *«Барои ҳеҷ касе раво набошад, ки сухане* (дар бораи дин) *бигӯяд, то он ки бидонад, ки шариати расули Худо (с) онро мепазирад ва ба он созгор аст».*

Рӯзе марде аз аҳли Куфа бар вай ворид шуд, дар ҳоле ки назди ӯ ҳадис хонда мешуд. Мард гуфт: «Бигузоред моро аз ин аҳодис!» Имом Абуҳанифа ӯро бо сахттарин ваҷҳ зағр кард ва гуфт: «*Агар суннат набошад, касе аз мо Қуръонро нафаҳмад».* Ҳамчунин мефармуд: *«Аз бидъат, бидъатгузорӣ ва лаҷоҷат парҳез ва дурӣ намоед ва амри аввали пешинро бар худ лозим гиред!».* Боре аз каломе, ки мардум дар бораи араз, ҷавҳар ва ҷисм ба вуҷуд оварда буданд, пурсида шуд, фармуд: *«Инҳо мақолоти фалосифа ҳастанд. Шумо осор ва тариқаи салафро бар худ лозим ва аз ҳар амри навпайдое* (дар дин) *канора гиред, ки он бидъат аст!»* (Шаъронӣ, Абдулваҳҳоб ибни Аҳмад. ал-Мизон. – Ҷ. 1. – С. 206–208, 224–229. – Бейрут: Оламулкутуб, 1989; Муҳаммадалии Таҳонавӣ. Кашшофу истилоҳоти-л-фununи ва-л-улум. – Ҷ. 1. – С. 145–146. – Бейрут: Мактабату Лубнон ноширун, 1996).

Муваффақ ибни Аҳмад аз Ҳасан ибни Зиёд оварда, ки имом Абуҳанифа фармуд: *«Ҳеҷ касро набошад, ки дар баробари китоби Худои таъоло, суннати расулаш (с) ва он чи саҳоба бар он иҷмоъ кардаанд, бо раъйаш чизе бигӯяд. Аммо он чи, ки дар бораш ихтилоф карда, назарҳои мухталиф додаанд, пас аз байни ақволи онҳо наздиктаринашро ба китоби Худои таъоло ва ба Суннат ихтиёр мекунем ва иҷтиҳод намекунем. Аммо он чи берун аз ин буда, пас иҷтиҳод бо раъй фиқҳро барои касе, ки ихтилоф (ақвол ва назароти гуногуни фиққи)-ро бидонад ва қиёс кунад, тавсиа (ва ғановат) мебахшад* (Шиҳобуддин, Аҳмад ибни Ҳачари Ҳайтамӣ. ал-Хайроту-л-ҳисон фӣ маноқиби-л-имоми-л-аъзам Абиҳанифата-н-Нуъмон. – С. 30 – 31. – Бомбай (Ҳинд), 1324 ҳ.; Саййид Афифӣ. Ҳаёту-л-имом Абиҳанифа (рҳ). – С. 164. – Қоҳира, 1350 ҳ.).

Аз Зуҳайр ибни Муъовия ривоят шуда, ки назди имом Абуҳанифа будам ва Абяз ибни Аъазз бо вай дар масъалае доир дар байнашон ба қиёс пардохта буд. Марде аз гӯшаи масҷид, ки фикр мекунам аз аҳли Мадина бошад, садо кард: Инҳо чӣ қиёсҳое ҳастанд, онҳоро тарк кунед! Аввалин касе қиёс кард, Иблис буд. Абуҳанифа ба вай рӯй овард ва гуфт: Эй фалон, суханро дар ғайри мавзеи худ ниҳодӣ! Иблис амри Худои таъолоро бар Ӯ рад кард, Худованд, субҳонаҳу ва таъоло, фармуда: **«Вақте ба фариштагон гуфтем, ки барои Одам саҷда намоед, пас саҷда оварданд, магар Иблис, ки аз ҷин буд (ва) аз амри Парвардгораш фисқ варзид (сар печид)»** (Каҳф, 17: 50) ва (Худо) таборака ва таъоло фармуд: **«Фариштагон ҳама якҷо саҷда оварданд, магар Иблис, ибо намуд, ки бо саҷдакунандагон бошад»** (Ҳиҷр, 15: 30–31) ва (Худой) азза ва ҷалла фармуд: **«..., магар Иблис, ки ибо ва истикбор варзид ва аз кофирон гардид» ва фармуд: «Оё барои касе, ки аз гил офаридай, саҷда биёварам!»** (Исро, 17: 61), истикбор варзид ва амри Парвардгоро бар Вай рад кард. Пас ҳар касе амри Парвардгоро рад намояд, кофир аст.

Қиёсе, ки мо дар он ҳастем, пайравии амри Худои таъолоро дар он меҷӯем, зеро онро мо ё ба амре дар китоби Худои таъоло ё ба суннате, ки аз расули Худо (с) барҷой монда ва ё ба иттифоқи саҳоба ва тобеин баргашт медиҳем. Мо саъй ва ҷаҳд дорем, ки онро ба сӯи китоби Худо ё суннати расули Худо (с) ё ба сӯи қавли аимма аз асҳобаш ва аз тобеин баргашт диҳем ва мо низ дар баргашт доданамон масъаларо ба сӯи китоби Худо ва суннати расулаш (с) ва ба сӯи иҷмоъ амри Худои таъолоро пайравӣ кардаем. Худои таъоло фармуда: **«Эй касоне, ки имон оврадаед, Худоро итоат намоед ва расул ва ули-л-амри аз худатонро итоат намоед!. Агар дар чизе низоъ ва ихтилоф кардед, пас онро ба сӯи Худо ва Расул баргашт диҳед, агар ба Худо ва ба рӯзи охир имон дошта бошед! Ин хуб ва беҳтарин таъвил аст»** (Нисо, 4: 59). Пас мо бар меҳвари иттибоъ мечархем ва аз аввал ба амри Худои таъоло амал мекунем ва Иблис вақте ё он ҷо ки қиёс кард, бо амри Худои таъоло мухолифат ва онро рад кард. Пас ин ду чигуна бо ҳам баробар мебошанд!? Мард гуфт: Ғалат кардам, эй Абуҳанифа! Худои таъоло қалбатро мунаввар гардонад, он гуна ки қалби маро мунаввар сохтӣ! (Муваффақ ибни Аҳмад ал-Маккӣ. Маноқибу-л-имоми-л-аъзам Абиҳанифа. –Ҷ. 1. – С. 81. – Ҳайдаробод (дакан), 1321 ҳ.; ал-Хайроту-л-ҳисон фӣ маноқиби-л-имоми-л-аъзам Абиҳанифата-н-Нуъмон. – С. 30 – 31; Ҳаёту-л-имом Абиҳанифа (рҳ). – С. 165–166).

Аз Исмоил ибни Ҳаммод (набераи) Абуҳанифа ривоят шуда, ки имом Абуҳанифа фармуд: Ин чизе, ки мо дар он ҳастем, раъй (ва назари мо) аст, касеро бар он маҷбур на-месозем ва намегӯем, ки бар касе қабули он воҷиб аст.

Ибни Обидин дар рисолаи «Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ» ба нақл аз аллома Бирӣ дар аввали «Шарҳи Ашбоҳ» аз «Шарҳи Ҳидоя»-и Ибни Шӯҳнаи Кабир овардааст: *«Вақте ҳадис ба таври саҳеҳ собит шуд, агарчи бар хилофи мазҳаб бошад ҳам, ба ҳадис амал карда мешавад ва он мазҳаби имом Абуҳанифа ба шумор меравад. Пайрави ӯ бо амал ба ҳадис аз мазҳабаш хориҷ намегардад. Зеро аз Абуҳанифа ба таври саҳеҳ ривоят шуда, ки вақте ҳадисе ба таври саҳеҳ собит шуд, он мазҳаби ман аст»*.[1]

Касе беҳтар аз он дошта бошад, онро биёварад, мо онро қабул ва аз он тақлид (пайравӣ) мекунем! (ал-Хайроту-л-ҳисон фӣ маноқиби-л-имоми-л-аъзам Абиҳанифата-н-Нуъмон. – С. 31; Заҳабӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмон абни Қоймоз. Маноқибу-л-имом Абиҳанифата ва соҳибайҳи Абиюсуфа ва Муҳаммад ибни-л-Ҳасан. – С. 34. – Бейрут, 1419 ҳ.; Ҳаёту-л-имом Абиҳа-нифа (рҳ). – С. 166).

[1] Ибни Обидин. Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – С. 17.

Ин сухан қариб аз ҳамаи пешвоёни мазҳабҳои фиқҳӣ бо ҳамин ибора ё бо иборае наздик ба он собит шудааст. Ба гуфтаи баъзе муаллифон, ин қавли аиммаи мазоҳиб ба фаҳми саҳеҳ ниёз дорад ва он бар итлоқаш ҷорӣ дошта намешавад, яъне вақте сиҳҳати ҳадисе тибқи қавоид, усул ва меъёрҳои пазируфташуда назди он имом барои нақди аҳодис, тахриҷи осор ва баёни сиҳҳату заъф ё тавсиқу тазъифи аҳодис собит шавад ва бо хабаре ба мисли худ ё қавитар аз худаш дар таоруз қарор нагирифта бошад, пас он мазҳаби вай мебошад. Вале ҳадисе, ки назди баъзе аимма ба сиҳҳат расида, вале тибқи қавоид ва усули пазируфташуда дар риштаи ҳадисшиносӣ назди имоми дигаре аз дараҷаи сиҳҳат поёнтар бошад, қабули он ба ҳайси хабари саҳеҳ бар он имом ва пайравонаш ҳатмӣ ва илзомӣ нест. Зеро қавоиди нақд ва шартҳои қабули ҳадис назди аиммаи фан баъзан тафовут доранд ва имкон дорад, ки имом аз ҳадисе, ки назди баъзе муҳаддисон ба сиҳҳат расида, огаҳ буда ва тибқи қавоиди вай дар нақди аҳодис заъиф буда бошад ё сиҳҳати он ба субут расида, вале онро ба сабаби таоруз бо ҳадиси дигаре қавитар назди ӯ ва бо ҷомеи шароит ба маънои дигаре таъвил ва хилофи онро ихтиёр карда бошад. Бинобар ин, даъвои касоне, ки баъзе аҳодисро тасҳеҳ мекунанд ва дигаронро ба қабули он мулзам медонанд ва агар ба он амал накунанд, онҳоро гунаҳкор ва мухолифи суннат мехонанд, агар ҳолати мазкурро ба эътибор нагирифта бошанд, дуруст нест ва сухане бемаврид аст. Мас., аҳодиси зиёде назди имом Молик (рҳ) ба сиҳҳат расида ва онҳоро дар Муваттаъ низ ривоят кардааст, вале ба онҳо ба сабаби дар таоруз буданашон бо аҳодиси қавитар аз онҳо, тибқи назари ҳадисшиносии худаш, амал накардааст.

Пас амал ба аҳодисе, ки дар тасҳеҳ ва тазъифи онҳо миёни аҳли таҳқиқ – асҳоби ҷарҳу таъдил ихтилофи назар вуҷуд дорад, лозим намегардад, магар бар касоне, ки онҳоро тасҳеҳ кардаанд ва Худо беҳтар донад.

Аммо қавли иҷтиҳодӣ ва раъйи фиқҳие, ки аз сареҳи насс истинбот нашуда ва бо ҳадисе дар таоруз бошад, пас тарки он ва амал ба ҳадис назари тамоми аиммаи дин, балки ақидаи ҳар мусулмон аст. Сухан ва дархости имом Шофеъӣ (рҳ) аз имом Аҳмад (рҳ): «Вақте ҳадисе назди шумо ба сиҳҳат расид, маро аз он хабар диҳед, то қавли худро тарк ва ба он ҳадис амал кунам», ба ҳамин маврид ишора дорад.

Нававӣ дар китоби ал-Маҷмӯъ пас аз нақли сухани имом Шофеъӣ (рҳ) дар ин бора: *«Вақте дар китоби ман (масъалаеро) бар хилофи сунати расули Худо (с) ёфтед, пас суннати расули Худо (с)-ро баргиред ва қавли маро тарк кунед!»* ва ақволи дигаре ба ин маъно аз ӯ овардааст: Ҷамъе аз фақеҳони муҳаддиси пайрави мазҳаби шофеъӣ, ба монанди Абуяъқуби Бувайтӣ, Абулқосими Дорақӣ, Абубакри Байҳақӣ ва дигарон ба ҳадис фатво додаанд ва ҷамоае аз мутақаддимини асҳоби мо, вақте дар масъалае ҳадисе мединанд, ки мазҳаби шофеъӣ бар хилофи он аст, ба ҳадис амал мекарданд, фатво медоданд ва мегуфтанд: Мазҳаби Шофеъӣ он аст, ки бо ҳадис мувофиқ бошад ва ин амр иттифоқ наафтода, магар нодир.

Сипас меафзояд: Ин гуфтаи Шофеъӣ ба ин маъно нест, ки ҳар касе ҳадиси саҳеҳеро дид, бигӯяд, ки ин мазҳаби Шофеъӣ аст ва ба зоҳири он амал кунад. Ин кор махсуси касоне аст, ки ба дараҷаи иҷтиҳод, тибқи он сифатҳое, ки қаблан баён гаштанд ё наздик ба онҳо, расида бошанд ва шарти он ин аст, ки ба гумони ғолиб бидонад, ки Шофеъӣ (рҳ) дар бораи он ҳадис огаҳӣ надошта ва ё сиҳҳати ҳадис барояш собит нашуда аст. Ин кор вақте барои шахс дастрас мегардад, ки тамоми китобҳои Шофеъӣ ва амсоли онҳоро аз китобҳои асҳоб-баш, ки аз ӯ илм омӯхтаанд, мавриди мутолиа ва таҳқиқ қарор диҳад, ки он амре бисёр душвор аст ва кам касе аз уҳдаи он мебарояд. Ин шартро барои он муқаррар доштаанд, ки имом Шофеъӣ амал ба зоҳири баъзе аҳодисро, бо вуҷуде, ки барояш собит гардида буданд, тарк кардааст, зеро медонист, ки дар он аҳодис таън (ҷарҳ)-е ворид шуда ё мансух гашта ё тахсис ёфта ва ё таъвил шудаанд. Мас., Мусо ибни Ҷоруд аз ёрони Шофеъӣ гуфта, ки ҳадиси: ***«Ҳиҷоматгар ва ҳиҷоматшуда*** (дар моҳи рамазон ҳар ду) ***рӯзаашонро хӯрдаанд»***, ба сиҳҳат расидааст, пас мегӯям, ки имом Шофеъӣ фармуд: Ҳиҷоматгар ва ҳиҷоматшуда ҳар ду рӯзаашонро хӯрдаанд (яъне тибқи мазҳаби Шофеъӣ (рҳ) рӯзаи ҳар дуяшон фосид гаштааст). Вале фақеҳон ин қавли Мусоро ба ин тариқ рад кардаанд, ки Шофеъӣ, бо вуҷуде, ки аз сиҳҳати ин ҳадис хабар дошт, амал ба зоҳири онро тарк карда буд, зеро он мансух гаштааст. Муҳҳаддиси бузург, Инби Хузайма мефармояд: Ҳеҷ суннатеро аз расули Худо (с) дар бораи ҳалол ва ҳаром намедонам, магар ин ки имом Шофеъӣ онро дар китобҳои худ ҷой кардааст (Абузакарийё Муҳйиддин ибни Шараф ан-Нававӣ. ал-Маҷмӯъ, шарҳу ал-Муҳаззаб ли-ш-Широзӣ. – Ҷ. 1. – С. 105–106. – Ҷадда: Мактабату-л-иршод, бидуни зикри соли чоп). Ин гуфтаҳо ба ҳоли дигар аиммаи дин ва пешвоёни мазҳабҳои фиқҳӣ низ мувофиқ меоянд.

Ибни Обидин меафзояд: Дар ҳошияи худ – «Радду-л-муҳтор бар Дурру-л-мухтор» овардаам: *«Вақте Имом (рҳ) ба ёрони худ амр намуд, ки он қавлеро аз вай бипазиранд, ки далелаш барои онҳо собит шуда бошад, пас ҳар қавле, ки онҳо бо далел гуфта бошанд ва ҳар масъалае, ки бар пояи ин асли Имом (рҳ) бино карда бошанд, он қавл ва мазҳаби Абуҳанифа (рҳ) ба шумор меравад»*.[1] Зеро он бо усул ва қавоиде, ки имом Абуҳанифа (рҳ) мазҳабро бар пояи онҳо бино намудааст, комилан мутобиқ мебошад ва аз сӯи дигар, мазҳаб бар асоси шӯрои илмӣ ва назароти дастиҷамъии онҳо поягузорӣ шудааст.

2. Асл ва қоидаи дуюме, ки аз имом Абуҳанифа (рҳ) ва ёронаш дар ҳидояти соҳибназарони баъдӣ ба сӯи равиши истинботи аҳком ва бознигарии масоил ривоят шудааст, ин аст, ки: *«Барои ҳеҷ касе ҳалол ва дуруст нест, ки ба қавл ва гуфтаи мо фатво диҳад, то надонад, ки мо онро аз кадом сарчашма ва бо кадом далел гуфтаем»*.[2]

Ин асл низ шахси фақеҳро ба ҷустуҷӯи далел ва бознигарии дақиқе дар маҷмӯаи пураризиши суннати расули Худо (с) такон медиҳад ва ӯро ба таври ҷиддӣ ба ҷодаи таҳқиқ мекашонад.

Татбиқи ин ду асл аз шахси фақеҳ тақозо мекунад, ки аз омӯзаҳои Суннат огоҳ ва дар нусус ва далоили шаръ соҳибназар бошад, то битавонад далелҳоро дар сурати таоруз бо ҳам вифқ диҳад, қавиро аз заъиф ҷудо созад ва якеро бар дигаре тарҷеҳ диҳад.

Татбиқи ин ду асл шоҳраги ҳаёти мазҳаб ва омили пешрафти пайвастаи он дар асрҳои тилояш ба шумор мерафт ва то вақте донишмандони тавоно бар татбиқи ин ду асл вуҷуд доштанд, ба мероси фиқҳи исломӣ ғановати фарҳангии арзишманде бахшида буданд.

Хулоса, фиқҳи исломӣ асрҳо дар зери таъсири омилҳои пӯёӣ, бархӯрди илмӣ, ҳаракати созанда ва ҳамсозӣ бо замон ба пеш мерафт ва дар ин муддати тӯлонӣ захираи нафисе дар соҳаи қонунгузорӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад.

Ин раванд тақрибан то давраи ҳамлаи муғул ба кишварҳои исломӣ ҳамчунон бо шукуфоӣ идома дошт. Ҳарчанд маҷмаъҳои фиқҳӣ ва шӯроҳои илмӣ, ки ба баррасии масоили шаръӣ ва бознигарии қазияҳои тоза пардозанд, ба он сурат дигар на дар сатҳи расмӣ ва на ба сурати мустақил вуҷуд надоштанд, вале фиқҳи исломӣ ҳамчунон давраи побарҷоӣ ва борварии амалии худро аз сар мегузаронд. Китобҳои мутуни фиқҳи исломӣ дар ҳаҷмҳои мухтасар, миёна ва мутаввал, шарҳҳои онҳо ва маҷмӯаҳои воқеъот ва фатово дар ҳамин давра ба вуҷуд омаданд.

Пас аз он муддате падидаи рукуди фикрӣ ва таассуби мазҳабӣ ба ҷои пӯёии зеҳнӣ, нигоҳи муҳаққиқона ба масоил ва ковишҳои илмӣ бар таифаҳое аз пайравони мактабҳои фиқҳӣ соя афканд.[3] Гарчи ин вақфа фарогири

[1] Ҳамон сарчашма. Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз маъруф ба Ибни Обидин. Радду-л-муҳтор бар Дурру-л-мухтор. – Ҷ. 1. – С. 154.

[2] Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – С. 21, 25.

[3] Ислом дини васат, андешаи миёна ва равиши муътадил аст ва доштани ҳамият – нангу номуси динӣ барои ҳифзи арзишҳои он, вақте ба ифрот кашида нашавад, хуб ва мамдуҳ аст ва он аз ҷумлаи ғулув дар дин ва таассуб ба шумор намеравад. Баъзе муҳаққиқони пешини исломӣ, ба монанди Ибни Халдун, дар муқаддимаи машҳураш вожаи асабият ё таассубро ба ҳамин маъно ба кор бурда, онро омили асосӣ дар ҳамбастагии қавмӣ ва нажодӣ ва заминаи иқтидор ва истимрори бақои миллат донистаанд (Муқаддима (таҳқиқи Абдуссалом аш-Шаддодӣ): Дорулбайзо, 2005).

Туро таассубу мазҳабгарӣ муҳимме нест,
Муҳимҳои ту дар дин фароиз асту сунан!
Макун таассубу биншин ба офият ҷое,
Зи боди ҷаҳл менагир гарду хоки фитан!
(Қавомии Розӣ. Девони ашъор)

Вале таассуб имрӯз дар забонҳои аврупоӣ муродиф бо вожаи фанатизм [fanatisme] ва дар истилоҳи ҷомеашиносӣ ва равоншиносии муосир ба маънои дилбастагии муфрит ва ифрот дар ҳар чизе, аз қабили фикру андеша, ақида, нажод ва ғ. корбурд шудааст. Ғулув дар дин (Нисо, 4: 171; Моида, 5: 77), таассуб дар мазҳаб ва ҳамин тавр тасайюб – бепарвоӣ, ломуболотӣ ва беномусӣ дар баробари арзишҳои фарҳанги динӣ дар омӯзаҳои шаръ накӯҳиш ва аз он наҳӣ шудааст. Таассуб падидаи равонӣ бо пайомадҳои рафторӣ ва иҷтимоӣ аст, ки омилҳои зиёде заминаи пайдоиш ё шиддат гирифтани он дар шахс ё ҷомеа мегарданд, ки ҷаҳл, ҳасад, ҳирс ва дилбастагии аз ҳад зиёд ба чизе муҳимтарини онҳо ҳастанд. Арҷ наниҳодан ба шахсият ва андешаҳои рақиб, надоштани таҳаммули шунидани сухан ва роҳ надодан ба афкори ҷониби мухолиф, нафрат доштан, бо ҳар василае, ҳатто ғайришаръӣ муқовимат, ҷадал ва муқобила кардан ва ҳар гуна туҳматеро раво доштан дар ҳаққи вай аз пайомадҳои манфии таассуб ҳастанд. Таассуб шахсро намегузорад, ки ҳатто

бо ҳамдин ва ҳаммаслаки худ, вақте дар баъзе афкор бо вай ихтилофи назар ва андешаи дигар дошта бошад, муносибатҳои дуруст ва муошират нек ба роҳ монад.

Ҳамон гуна ки таассуб, бахусус вақте дар дин ва ақида бошад, зарар ва пайомадҳои манфие, ҳам барои дин ва ҳам барои ҷомеа, ба ҳамроҳ дорад, тасайюб – надоштани ҳамийят, шаҳомат ва нангу номус дар баробари арзишҳои динӣ низ ба дин ва ҷомеа зарар дорад, бахусус вақте ба сурати падидаи иҷтимоӣ дарояд. Зеро бар асоси ҷомеашиносии динӣ, агар ифрот дар рафтор ва андеша, сахтгириҳои бемаврид, аз байн рафтани ҳолати эътидол ва таҳаммулпазирӣ ва ғ. аз пайомадҳои таассуб бошанд, пас бешахсиятӣ, аз даст додани ҳувийяти фарҳангӣ, беғамӣ аз ранҷҳои мардум ва бепарвоӣ (халатност) нисбат ба сарнавишти ҷомеа аз осори тасайюб ҳастанд, ки дар ниҳоят ба фурӯ рехтани шараф ва каромати инсонӣ дар фард ва аз байн рафтани ҳувийяти миллӣ дар ҷомеа меанҷомад. Вақте таассуб ва тасайюб дар рафтор, андеша, дин ва ҳар чизе, ки ба ҳаёти инсон тааллуқ дорад, яъне ду тарафи ифрот ва тафрит дар зиндагӣ, канор гузошта шаванд, равиши миёна, роҳи васат ва эътидоли матлуб ба даст меояд, ки он ҳам хостаи дин ва ҳам камоли андеша ва рафтори инсонӣ бошад.

Пеш аз ҳамлаи муғул ба сарзаминҳои хилофати шарқӣ намунаҳои камтаре аз таассуби мазҳабӣ дар миёни пайравони мактабҳои фиқҳӣ мушоҳида мешуд, вале пас аз он ин падидаи равонӣ-иҷтимоӣ дар ҷомеа хеле ҷо афтода буд. Ба таври мисол, Абдулқодири Гелонӣ – пешвои тариқаи қодирия ва Абулҳасани Ашъарӣ – пешвои мутакаллимони аҳли суннат дар осори худ имом Абуҳанифа (рҳ) ва пайравонашро дар зимни фирқаҳои гумроҳи мурҷиа дарҷ кардаанд, ки ба қавли аксари фирқашиносон ва равоншиносон, он бар асари таассуби мазҳабӣ сурат гирифтааст (Муҳаммад Абдулҳай ал-Лакҳнавӣ. ар-Рафъу ва-т-такмил фи-л-ҷарҳи ва-т-таъдил. – С. 166 - 181. – Бе зикри ҷой ва соли чоп, ба нақл аз китоби «Ғуняту-т-толибин». – Ҷ. 1. – С. 75, 80; Абдулқодири Гелонӣ. Ғуняту-т-толибин. – Ҷ. 1. – С. 227, 230. – Лоҳур: Матбааи Умед, чопи сангӣ, бе зикри соли чоп; Абдулқодири Гелонӣ. ал-Ғуня ли толиби тариқи-л-ҳақ. – С. 127–128. – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ; Абулҳасан, Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолоту-л-исломиййин ва-хтилофу-л-мусаллин (бо муқаддима ва ҳошияи Наъим Зарзӯр). – С. 119. – Бейрут: ал-Мактабату-л-асрия, 2005; Мақолоту-л-исломиййин ва-хтилофу-л-мусаллин (бо таҳқиқи Муҳаммад Муҳйиддин Абдулҳамид). – С. 219–220. – Бейрут: ал-Мактабату-л-асрия, 1990).

Абдулмалик Ҷувайнӣ машҳур ба Имомулҳарамайн дар «Муғисулхалқ фӣ тарҷеҳи-л-қавли-л-ҳақ» пас аз зикри назари мазҳаби шофеъӣ дар бораи шартҳо ва шароити сиҳҳати намоз дар сифати намоз назди имом Абуҳанифа (рҳ) овардааст: Абуҳанифа намозро бо наҷосате, ки изолаи он имкон дорад, ҷоиз дониста ва ҳатто дар ривояте омада, ки намоз ҳамроҳ бо наҷосате, ки ба мисли дирҳами бағлӣ (мансуб ба Раъсулбағли яҳудӣ, ки дар замони халифаи дуюм Умар (рз) мезиста ва дирҳаме ба сабки сиккаҳои давраи сосонӣ зарб мекардааст), ки ба андозаи каффи даст аст, ҷоиз мешавад ва дар ривояте, ки он ихтиёри Абуюсуф аст, вақте камтар аз рубъ (аз чаҳор як қисмат)-и либос наҷосатолуд бошад, намоз бо он ҷоиз мешавад, ки ин бо мақсади шаръ аз намоз таноқуз дорад. Вай ҳамчунин намозро дар пӯстини сагӣ (либосе, ки аз пӯсти саг дӯхта шудааст), ҷоиз дониста аст, дар ҳоле ки саг аз назари шаръ ҳайвони бад аст ва шореъ аз нигаҳдории он аз рӯи эъҷоб наҳӣ ва аз боби радъ ба куштани он амр кардааст, дар поксозии зарфе, ки саг ба он даҳон зада бошад, ба қадре ташдид намуда, ки ҳатто адад (ҳафт бор шустани он)-ро муътабар ва барои тағлиз – ифодаи шиддати ғилзат (ғализ)-и наҷосати он, бо вуҷуди поккунанда будани об, як бори онро бо хок фармудааст (ишора ба ҳадисе аст, ки дар он омада: ***«Вақте саг дар зарфи яке аз шумо даҳон зад, покиаш ин аст, ки онро ҳафт бор бишӯяд, ки бори аввалаш бо хок бошад!»*** ва дар ривояте: ***«онро ҳафт бор бишӯед ва бори ҳаштум дар хок бимолед!»*** Саҳеҳи Муслим, 646–651 (279–280)-89–93). Пӯсти саг қисмате аз худи вай аст, пас чигуна наздикӣ ба Худои таъоло (намоз) дар либосе ҷоиз мешавад, ки шариат нигаҳ доштани онро ҳаром гардонидааст!?

Намоз, ки дар он хушӯъ, хузӯъ, оромиши нафс, тадаббур дар оёти Қуръон ва ибтиҳол ба сӯи Худо матлуб аст, назди Абуҳанифа аркон ва шароити он партофта шуда ва ҳосили он ба чанд нақрае – кӯбидани сар ба мисли нӯлзании мурғ даромадааст. (Бар асоси мазҳаби Абуҳанифа) касе дар гандоб (пасмонда ва ҳавз)-и шираи хурмо фурӯ равад, пӯсти дабоғатношудаи сагро бипӯшад (ва онро бо наҷосате биолояд), ба ҷои сиғаи такбир (Аллоҳу акбар) бо тарҷимаи туркӣ ё ҳиндии он таҳрима бандад (нияти намоз кунад) ва (аз қироати Қуръон) ба хондани тарҷимаи ояти «мудҳомматон» иктифо намояд (ва ду барги сабз гӯяд, тарҷимаи ояти 64-уми сураи ар-Раҳмон), рукӯъро тарк кунад ва сари худро ду бор, бе қуъӯд (ҷалса)-е дар миёнашон, ба замин занад ва ташаҳҳуд (аттаҳиёт) бихонад, он гоҳ дар охири намозаш ба ҷои салом додан амдан ҳадас намояд, яъне бигузад, намозаш саҳеҳ ва тамом шудааст. Ҳар шахси бодиёнате қатъан медонад, ки Худо ҳеҷ паёмбареро барои чунин намозе нафиристода ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) барои даъвати мардум ба сӯи чунин намозе фиристода нашудааст. Намоз, ки қутб (меҳвар)-и ислом ва шоҳсутуни дин аст, Абуҳанифа пиндоштааст, ки ин қадар камтарин андозаи воҷиб барои сиҳҳати он намозест, ки паёмбар (с) бо он фиристода шудааст ва ғайр аз он ҳарчи ҳаст, одобу сунан аст.

Ҷувайнӣ пас аз нақли қисса ва рафторе аз Қаффоли Марвазӣ – фақеҳи машҳури шофеъӣ, ки барои зишт нишон додани мазҳаби Абуҳанифа (рҳ) дар пеши султон Маҳмуд ибни Сабуктегин (Маҳмуди Ғазнаӣ) анҷом дода, мефармояд: Намозеро, ки Абуҳанифа ҷоиз медонад, агар бар оммӣ арза шавад, аз қабули он имтиноъ меварзад. Пас ба ин андоза равшан будани фасоди ақидаи вай дар бораи намоз туро аз зикри бутлони мазҳаби вай дар бораи намоз басанда бошад! (Абулмаолӣ, Абдулмалик

тамоми ақшори уммат ва саросари сарзамини паҳновари ислом набуд ва ҳанӯз ҳам уламое дар роҳи таҳкими пояҳои фарҳанг ва таҳдоби фиқҳии он талош мекарданд, вале бояд гуфт, ҳамлаи муғул зарбаи муҳлик ва осеби фарҳангие бар пайкари уммати ислом, бахусус дар сарзаминҳои шарқи хилофат ворид намуд, ки сӯзиши он муддатҳо эҳсос мешуд. Фарҳанг ва мавқеияти динии мардумони бумии он, гарчи пас аз муддате беҳтар гардид, вале то ба ҳол дигар ба ҳолати пеш аз вуруди муғулон барнагаштааст. Ҳаводиси он таърих воқеияти талхе буд, ки раванди борварии иҷтиҳодоти фиқҳӣ ва пӯёии фарҳанги исломиро дар умум кунд ва то ҷое каммаҳсул гардонд.[1]

Муҳаққиқи китоби «Муҳити Бурҳонӣ» дар муқаддимаи худ ба баррасии мавзӯъ пардохта, чунин мегӯяд: «Дар натиҷа ду ҳолат ва ё қазия дар фарорӯи мазҳаби ҳанафӣ қарор гирифтанд, ки дар шинохти қавли роҷеҳ ва назари муфто биҳ дар масоили тоза баамаломада каме печидагӣ ва норавшанӣ ба вуҷуд оварданд:

1. Назароти иҷтиҳодӣ (андешаҳои фиқҳӣ) ва тахриҷоте, ки пас аз давраи таълифи мутуни муътамади фиқҳӣ ба вуҷуд омаданд, ба хусус он иҷтиҳодоте, ки ба масоили нав сару кор доштанд ва бештар дар китобҳои шарҳҳо ва фатвоҳо дарҷ гардидаанд, таҷдиди назар ва бознигарии дақиқе дар бартараф намудани ғумуз ва таорузи мобайни онҳо сурат нагирифтааст.

2. Бо такя бар асли тағйирпазирии аҳкоме, ки бар асоси урф ва дар замон ва макони махсус бино шудаанд, дар раванди дигаргуншавии урф ва равиши маъмули мардум мутаносибан бо тағйири замон ва макон зарурати бознигарии баъзе масоиле, ки бар асоси урфи як давра тарҷеҳ дода шудаанд ва аз ин асл берун нестанд, вуҷуд дошт, вале ин бахш дар китобҳои фиқҳ ғолибан ба бознигарие ноил нашуд.[2]

Мусулмонон ин ҳолати рукуди фиқҳӣ ва печидагӣ дар шинохти баъзе масоилро хеле барвақт дарк карда буданд ва талошҳое дар роҳи бартараф намудани мушкили пешомада ҳам дар сатҳи расмӣ ва ҳам ба сурати инфиродӣ аз сӯи онҳо анҷом дода шудаанд.

Қадамҳои нахустин дар роҳи танқеҳ ва нақди назароти фиқҳии мазҳаби ҳанафӣ ба василаи донишманди номдор ва фақеҳи пуровозаи ҳанафӣ Фаридуддин, Олим ибни Алои Индарпатии Деҳлавӣ (ваф. 786 ҳ.) бардошта шуданд. Вай бо хоҳиш (ё супориш) ва дастгирии вазири бузург ва фармондеҳи нуфузманди сипоҳи Фирӯзшоҳи Туғлуқ (ҳукм. 752–790 ҳ./1351–1388 м.) амир Тоторхон дар замоне бештар аз бист сол доиратулмаорифи фиқҳиеро дар мазҳаби ҳанафӣ таъ-

ал-Ҷувайнӣ аш-шаҳир би Имомилҳарамайн. Муғисулхалқ фӣ тарҷеҳи-л-қавли-л-ҳақ. – С. 55–59. – ал-Матбаату-л-мисрия, 1934). Ин гуфтаи Ҷувайнӣ – қиссаи Қаффоли Марвазиро Ибни Халликон низ дар «Вафаёту-л-аъён» (Ҷ. 5. – С. 180–181. – Бейрут: Дору Содир, 1968) ба накл аз китоби Муғисулхалқ ва Камолуддин ад-Дамирӣ дар «Ҳаёту-л-ҳайавон» (Ҷ. 2. – С. 305 – 306, зайли номи «қумрӣ». – Ҳайдаробод (Дакан): Кутубхонаи Осифия, 1284 ҳ.) ба накл аз «Вафаёту-л-аъён» овардаанд. Аз шиддати қабоҳати рафтор ва беобрӯие, ки дар он қисса аз Қаффоли Марвазӣ зикр шуда, мо аз нақли он худдорӣ кардем, вале агар он ривоят саҳеҳ бошад, пас шиддат таассуби Қаффоли Марвазӣ ба мазҳаби Шофеъӣ (рҳ), нафрати вай аз мазҳаби Абуҳанифа (рҳ) ва ибо надоштани ӯро аз ҳеҷ туҳмат ва ташнеъ – зиштсозие дар ҳаққи вай ифода мекунад. Агар саҳеҳ набошад, шиддати таассуби Ҷувайнӣ ба мазҳаби Шофеъӣ (рҳ) ва нафрати ӯро аз мазҳаби Абуҳанифа (рҳ) нишон медиҳад.

Бо ин ҳол, падидаи таассуб дар он айём дар муқоиса бо густараи васеи ҷуғрофие, ки қаламрави фарҳанг ва тамаддуни ислом фаро гирифта, ақвом ва нажодҳои мухталифе, ки дар он ба ҳам (ҷамъ) омада, миёни онҳо ваҳдати фикрӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ эҷод шуда буд ва садҳо ҳазор донишманд, ки дар риштаҳои гуногуни улум машғули фаъолият буданд, воқеан ҳам, хеле кам буда ва аҳёнан иттифоқ меафтод.

Таассуби мазҳабӣ пас аз ҳамлаи муғул дар миёни баъзе мусулмонон ба ҷое расида буд, ки дар ҳарами Макка – Масҷидулҳаром пайравони мазҳабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ аз пушти якдигар намоз намегузориданд ва барои имоми ин мазҳабҳо дар чаҳор тарафи хонаи Каъба такяе ба монанди минбар сохта буданд ва аҳли ҳар мазҳабе аз пушти имоми худ намоз мегузорид.

[1] Ислом дини комили илоҳист, Худованд худ ба ҳифзи китоб ва дини хеш ваъда додааст ва касе наметавонад онро аз байн бибарад, захираи илмӣ ва андӯхтаҳои иҷтиҳодии мактабҳои фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом низ то ҳадде ба камоли низоммандӣ ва саботи ҳуқуқӣ расидаанд, ки уламо ва коршиносони соҳа дар ҳар замоне метавонанд онҳоро мутолиа ва дар ҳаёт татбиқ намоянд, вале ҳамвора маҷол ва арсаҳое барои такомули пайвастаи фарҳанги башарӣ ва рушди таҷрибаҳои назарӣ ва амалии инсон вуҷуд доранд ва ҳеҷ гоҳе набояд аз такопӯи зеҳнӣ ва талоши ҷисмонӣ бозистад. Ин бахш ё раванди ҳаёти фикрӣ ва таҷрибии инсон гоҳе аз ҳаводиси рӯзгор осеб мебинад ва муддате ба вақфа ва рукуд рӯ ба рӯ мешавад. Таҳқиқоти фиқҳӣ низ аз ин фароянд истисно нестанд.

[2] Муҳити Бурҳонӣ. Муқаддима. – Ҷ. 1. – С. 78, 79.

лиф намуд, ки ба ҳақ яке аз шоҳкориҳои нодир дар фиқҳи ҳанафӣ ва риштаи ҳуқуқи исломӣ ба шумор меравад. Амир Тоторхон тамоми захоири илмӣ ва китобхонаи фиқҳии мавҷуд дар Ҳинд ва барояш дастрасро барои таҳқиқи ин барномаи азими илмӣ фароҳам овард ва Олим (рҳ) дар таҳқиқи масоили фиқҳӣ, нақди назароти фақеҳон ва таҳияи матолиби китоб аз бештар аз 130 манбаи нодири фиқҳи ҳанафӣ баҳра гирифтааст, ки дар муқаддима ба 30 маъхази умдаи он ишора кардааст. Вай ин Фатоворо соли 777 ҳ/1366 м. пас аз фавти Тоторхон ба поён расонид, вале ба хотири хадамоти арзанда, муровадаи илмӣ ва пайвандҳои дӯстие, ки бо амир Тоторхон дошта, онро ба номи вай «Фатовои Тоторхония» номид.

Арзиши илмии Фатовои Тоторхония ба қадре азим аст, ки аксари фуқаҳо ва муҳаққиқони баъдӣ, ба монанди ҳайати илмии таҳиякунандаи китоби Фатовои Оламгирӣ, Ибни Обидин дар Радд ва дигарон аз он истифода ва дар масоили зиёде ба он истинод кардаанд. Бо ин вуҷуд, ин доиратулмаорифи бузурги фиқҳӣ то ин авохир, яъне ба муддати бештар аз 600 сол пас аз таълифаш, рӯи чопро надида, ба сурати дастхат дар осорхонаҳо ва бахши махтутот боқӣ мондааст, то он ки раиси ҳайати омӯзгорони Мадрасаи Олӣ дар Ҷомеи Фатҳбурии шаҳри Деҳлӣ, Саҷҷодҳусайни Картабурии Буҷнурии Қосимӣ (1910-1990) пас аз таҳқиқ ва шарҳи вожаҳои душворфаҳм панҷ ҷилди онро, аз китоби Таҳорат то Вақф, ба нашр расонд ва пеш аз итмоми ҷилдҳои дигари он аз дунё чашм пӯшид. Ин панҷ ҷилди таҳқиққардаи ӯро нахуст Вазорати фарҳанг ва маорифи Ҳинд, сипас Идораи Қуръон ва улуми исломӣ дар Карочии Покистон ба чоп расониданд ва пас аз он дар Бейрут ва ҷоҳои дигар ба нашр расидааст.

Пас аз чанде донишмандон нусхаҳои таҳқиқшудаи ҷилдҳои дигаре аз китобро аз бойгонии дастхатҳои марҳум Саҷҷодҳусайн пайдо карданд, ки ҳудудан як ҷилди дигари он баёз шуда ва бақия ба сурати баёзношуда боқӣ мондаанд. Сипас муҳаққиқи дигаре аз донишмандони донишгоҳи Қосимия, маъруф ба мадрасаи Шоҳӣ дар Муродободи Ҳинд, Шабираҳмади Қосимӣ бо истифода аз таҳқиқоти марҳум Саҷҷодҳусайн ба таҳқиқи муҷаддади он пардохт ва бо дастраси ба нусхаҳои дигаре аз махтутоти он китобро ба таври комил омода ва соли 2010 дар 20 ҷилд ба нарш расонд. Вай ҳудуди даҳ ҳазор (10 000) ҳадис ва осори зикршуда дар ин доиратулмаорифи фиқҳиро рақамгузорӣ ва тавзеҳ дода, масоили умдаи фиқҳӣ ва матолиби меҳварӣ дар онро низ шумарабандӣ кардааст, ки маҷмӯи онҳо 33 778 масъаларо ташкил додаанд, ки баъзе аз онҳо чандин масъалаи фаръӣ ва ҷузъиёти фиқҳиро дар бар мегиранд.[1]

Дар сатҳи расмӣ барои аввалин бор Абумузаффар Муҳйиддин Муҳаммади Аврангзеб[2] маъруф ба Оламгир – подшоҳи кишвари Ҳинд – ҳудуди солҳои 1073 ҳ./1663 м. ҳайатеро аз донишмандони ҳанафимазҳаби Ҳинд бо раҳбарии фақеҳ Низомуддини Бурҳонпурӣ таъсис дода, онро ба таълифи китобе дар масоили фиқҳӣ дастур дод, ки аксари ривоятҳои саҳеҳро дар мазҳаб фаро гирад. Таълифи китобе ба ин равиш кори бисёр заҳматталаб ва ба қадре бузург буд, ки ҳайат ва ё кумитаи мазкур илова бар чаҳор нафар аъзои сарраёсат ва худи раис ба ривояте боз понздаҳ нафар[3], ба ривояте ҳаждаҳ нафар[4] ва ба ривояте ҳудуди чиҳил нафар[5] аҳли

[1] Фаридуддин, Олим ибни Алои Индарпатии Деҳлавӣ. ал-Фатова-т-Тоторхония (таҳқиқи Шабираҳмади Қосимӣ). – Ҷ. 1. – Девбанд, Ҳинд: Мактабату Закарияё, 2010.

Шабираҳмади Қосимӣ муқаддимаи муфассал ва таҳқиқие бар ин Фатово навишта, дар он ба тарҷимаи ҳол ва шарҳи мухтасаре аз зиндагонии фақеҳон ва муҷтаҳидони маъруфи ҷаҳони ислом, ба хусус фуқаҳои ҳанафӣ ва муҳаддисоне пардохта, ки аз онҳо ном ё ривояте дар ин китоб зикр шудааст. Ҳамчунин дар бораи маъхазҳо ва манобеи фиқҳие, ки Олим ибни Ало (рҳ) дар таълифи асари худ ба онҳо истинод дошта, гузориши китобшиносӣ (библиографӣ)-и кӯтоҳе додааст. Илова бар ин, дар мавридҳои зиёде дар поварақиҳо ба шарҳи ҳол ва зиндагонии шахсиятҳо ва таърихи маъхазҳое ишора кардааст, ки дар муқаддима зикр нагаштаанд.

[2] Муҳаммади Аврангзеб маъруф ба Шоҳи Ҷаҳонгир ва ё Оламгир (1028–1118 ҳ./1619–1707 м.) яке аз бомаърифаттарин ва илмдӯсттарин подшоҳони мусулмони кишвари Ҳинд буда, дар миёнаи солҳои 1068–1118 ҳ./1658–1707 м. ба муддати панҷоҳ сол бар он кишвар фармонравоӣ кардааст.

[3] Муҳаққиқи «Муҳити Бурҳонӣ» дар муқаддима бо истинод ба китоби «Фарҳанги исломӣ дар Ҳинд» онҳоро понздаҳ нафар гуфтааст. (Муҳити Бурҳонӣ. Муқаддима. – Ҷ. 1. – С. 72).

[4] Мавсӯаи фиқҳи кувайтӣ дар муқаддимаи китоб бахши «тадвини дастиҷамъии фиқҳ» маҷмӯи онҳоро 23 нафар гуфтааст. – Ҷ. 1.

[5] Мустафо Аҳмад Зарқо. ал-Мадхалу-л-фиқҳию-л-

андеша ва уламои саршиноси он сарзаминро ба кор ҷалб кард. Шоҳ Аврангзеб барои итмоми ин кори бузурги илмӣ дари тамоми китобхонаҳои кишварро ба рӯи аъзои кумита кушод ва дар ин роҳ дусад ҳазор рупия сарф намуд.

Ҳайати мазкур ба чаҳор гурӯҳи корӣ тақсим шуда, шайх Ваҷиҳуддин гурӯҳи аввалро сарварӣ мекард ва анҷоми рубъ – чаҳоряки кори он барномаи илмӣ ба он вогузор гардида буд, гурӯҳи дуюмро шайх Ҷалолуддин сарварӣ мекард ва кори рубъи дуюм ба он вогузор гардида буд, гурӯҳи сеюмро шайх Қозӣ Муҳаммадҳасан сарварӣ мекард ва бахши сеюм ба он вогузор гардида буд ва рубъи чаҳорум ба гурӯҳи охир вогузор гардида буд, ки онро мулло Ҳамиди Ҷонпурӣ сарварӣ мекард.

Шайх Низомуддин раиси маҷмӯа ҳар субҳ кори рӯзи пешини ҳайатро ба шоҳ гузориш медод ва назароту пешниҳодоти ӯро ҷиҳати такмили он дарёфт мекард. Раванди кори таълиф ҳар рӯзе тақрибан бо миёнгинӣ[1] чаҳор саҳифа пеш мерафт. Ҳамин тавр ин корномаи азими илмӣ дар зарфи ҳашт сол – соли 1080 ҳ./1670 м. ба поён расид.

Пас аз итмоми ин асари бузург ва фарогири қонунҳои шаръ нусхаҳои зиёде аз он интишор дода шуд ва бо қарори расмии шоҳ Аврангзеб дар тамоми доираҳои расмӣ ва қазоии кишвари исломии Ҳинд ба мавриди иҷро гузошта шуд.[2]

Аъзои ҳайати илмии мазкур дар муқаддимаи «Фатовои Ҳиндӣ» дар бораи сабаби таълифи он чунин мегӯянд: *«Фиқҳ ҳадди боздорандае дар байни ҳидоят ва гумроҳӣ ва тарозуи рост ва барои шинохти миқдори аъмол аст…, вале китобҳои таснифгардидаи мудатовил[3] ва саҳифаҳои таълифшудаи дастрас дар ин фан ба дарди касе намехӯранд, зеро баъзе онҳо нисфи масоилро партофта ва баъзе дигар ривоятҳои гуногунро бо далелҳои мутаориз фаро гирифтаанд, ки ҷӯёи ваҷҳи муносиб ва қавӣ (аз он) ба ҳайрат меафтад…*

Муҳаммади Аврангзеб маъруф ба Подшоҳи Оламгир ба таълифи китоби ҷомее, ки бештари ривоятҳои саҳеҳ ва дироятҳои ноҷеҳро дар бар гирад, илҳом шуд ва ҷамъе аз донишмандони тавоноро дар ин фан гирд овард ва аз онҳо хост китобе таълиф намоянд, ки зоҳири ривоятҳои мавриди иттифоқи назар ва фатвои бузургонро шомил бошад ва низ он наводиреро, ки мавриди қабули уламо аст, дар бар гирад, то эҳтиёти дар амал ва иҷтиноб аз омехтагӣ ва лағжиш муяссар гардад».[4]

Пас бе ҳеҷ гуна муболиға ин китоб аз ҷиҳати бисёрии масоил, равонии ибораҳо ва ҳалли гиреҳи мушкилот бузургтарин ва пуразиштарин таълиф дар боби фатво буда ва то имрӯз яке аз муътабартарин китобҳои фатво ва сарчашмаи муътамади мазҳаби ҳанафӣ дар ин замина ба шумор меравад. Ба хотири талошҳои арзишманде, ки Муҳаммади Аврангзеб дар роҳи таҳаққуқи ин тарҳи азими илмӣ анҷом дода, онро «Фатовои Оламгирӣ» низ гуфтаанд.

Пас аз муддате хилофати исломӣ дар Туркия низ чунин ниёзеро ба бознигарии масоили фиқҳӣ эҳсос намуд ва кумитаи ҳафтнафараеро аз донишмандони тавоно дар назди девони Адлия бо номи «Ҷамъияту-л-маҷалла» (Маҷалла ҷамъиятӣ) бо роҳбарии вазири девони Адлия – Аҳмад Ҷавдатпошо таъсис дод.

Дар гузорише, ки дар таърихи аввали моҳи муҳаррами соли 1286 ҳ./1868 м. ба садри аъзам – Алӣ Пошо пешниҳод шуда, омадааст: «Пӯшида нест, ки илми фиқҳ баҳри бесоҳил аст ва истинбот (коркард)-и ҷавҳари масоили зарурӣ аз он барои ҳалли мушкилот, ба хусус аз мазҳаби бузургони ҳанафӣ, ба маҳорати илмӣ ва малакаи тавоное ниёз дорад. Зеро дар ин мазҳаб (дар асрҳои баъдӣ) муҷтаҳидони зиёд ва дар табақоти гуногуни илмӣ ба камол расида ва (ҳамин тавр) ихтилофоти бисёре ба он роҳ ёфтааст.

Илова бар ин, дар он бозбинии илмӣ ва танқеҳи комил, ба он сурате ки дар фиқҳи шофеъӣ ба амал омада, анҷом нагирифтааст, балки ҳанӯз масоили он парешон буда, тартиббандӣ

омм. – С. 236. – Димишқ. Минбаъд: ал-Мадхалу-л-фиқҳию-л-омм.

[1] Нишондиҳандаи миёна, ҳисоби миёна; бузургии миёна, ҳадди миёна.

[2] ал-Мадхалу-л-фиқҳию-л-омм. – С. 236, 237.

[3] Мутадовил – маъмул ва роиҷ, мавриди корбурди фаровон, дар гардиш. Он дар асл мутадовал исми мафъул аст, вале дар забони тоҷикӣ корбурд ва талаффузи он ба шакли мутадовил, сиғаи исми фоил маъмул гаштааст.

[4] ал-Фатова-л-ҳиндия ал-маъруфа бил-Фатова-л-оламкирия фӣ мазҳаби-л-Имоми-л-Аъзам Абиҳанифата ан-Нуъмон, муқаддимату-л-китоб. – Бейрут, 2010.

нашудаанд. Бинобар ин, шинохт ва дастрасӣ ба қавли саҳеҳ аз байни он масоил ва қавлҳои гуногун ва татбиқи ҳаводис бар онҳо ниҳоят душвор аст.

Гузашта аз ин, бо дигар шудани замона масоиле, ки бар пояи урфу одат бино ёфтаанд, дигар мешаванд. Мас., дар назди фақеҳони пешин (мутақаддим) касе иродаи хариди ҳавлие мекард, кофӣ буд, ки баъзе хонаҳои онро бубинад, вале назди мутааххирин дидани тамоми ҳуҷраҳои он ба таври алоҳида зарур аст. Ин дигаргунии ҳукми масъала маънои иваз шудани далели онро надорад, балки он аз урф бархостааст ва урфи мардум дар гузашта ин буд, ки тамоми хонаҳо дар як манзил баробар ва ба як равиш сохта мешуданд ва дидани баъзе аз онҳо аз бознигарии ҳуҷраҳои дигар бениёз месохт.

Аммо ҳоло расми мардум бар ин аст, ки як ҳавлӣ гуногуншакл ва гуногунмасоҳат аст ва хонаҳо ба андозаҳо ва равишҳои гуногун сохта мешаванд, бинобар ин, дидани тамоми ҳуҷраҳои он ба вақти хариди ҳавлӣ зарур аст. Чӣ тавре мулоҳиза мешавад, дар ин масоил тағйире дар асл ва қоидаи шаръӣ ба вуҷуд наомадааст, балки урфу одати мардум иваз шудааст ва ҳукми масъала низ бо дигаршавии замона дигар шудааст. Ҳамин шинохти дигаршавии замон ва дигаршавии бурҳоне, ки ҳоло оварда шуд, ба таҳқиқ ва умқнигарӣ дар масоил ниёз дорад.

Ҳанӯз ҳам умед меравад, ки дар боби муомилоти фиқҳӣ китоби дақиқ ва дастрасе таълиф гардад, ки аз ихтилофот холӣ, фарогири аҳволи баргузида ва назароти роҷеҳ ва барои ҳама қобили мутолиа бошад.

Пас ба муқтазои ирода (қарор)-и Ҷаноб дар доираи девони Аҳком гирд омадем ва ба тартиб додани маҷалла (китоб)-е дар бахши муомилоти фиқҳӣ бар асоси аҳволи мавриди эътимоди бузургони ҳанафӣ, ки фарогири масоили бисёрвуқӯъ ва зарурӣ бошад, мубодират варзидем. Он ба қисматҳои гуногун тақсимбандӣ шуд ва «Маҷаллату-л-аҳкоми-л-адлия» номгузорӣ гардид».[1]

Кумитаи мазкур соли 1286 ҳ./1869 м. расман ба таҳрири «Маҷалла» шурӯъ кард ва пас аз ҳашт сол талоши пайгирона онро дар соли 1293 ҳ./1876 м. ба итмом расонд ва дар бисту шашуми моҳи шаъбони ҳамон сол ирода (қарор)-и садри аъзам барои амал ба он содир гардид.

Равиши иншои «Маҷалла» аз китобҳои фиқҳие, ки то он замон таълиф гардида, ба кулли фарқ мекунад ва он дар ҷо ба ҷоӣ ва шуморабан дии масоил, тарзи баён, суҳулати ибора ва зикри яке аз ваҷҳҳои масъала ба сохтори қонунҳои нав дар низоми қонунгузории ҷаҳони муосир бештар шабоҳат дорад.

Маҷаллаи аҳкоми адлия масоили пароканда дар китобҳои фиқҳ, фатвоҳо ва аҳволи гуногунро гирд овард ва он фароғеро, ки дар арсаи қазо (судӣ) ва муомилоти шаръӣ эҳсос мешуд, пур намуд ва ҳамин тавр марҷаи қазоӣ (судӣ)-еро ба вуҷуд овард.

Шоёни зикр аст, ки «Маҷаллаи аҳком» аввал ба забони туркӣ навишта шуда, пас аз баррасии мулоҳазот, бозбинии матолиб ва рӯнавис шудани он ба забони арабӣ тарҷима мешуд. Ҳамчунин гуфтанист, ки се бахш аз аҳкоми фиқҳ дар он дарҷ нагаштааст:

а) Бахши ибодот. Аз он ҷо ки барномаи кори муассисони «Маҷалла» дастрас намудани аҳкоми шаръ барои ҳавзаи қазоии кишвар ва таъмини шароити кории қозиён (судяҳо) буда, фароянди кори худро ба он ихтисос додаанд ва бахши ибодотро ба он ҳамроҳ накардаанд.

б) Бахши аҳволи шахсӣ. Аз он ҷо ки масоили марбут ба аҳволи шахсӣ, аз қабили никоҳ, талоқ ва ғайра, илова бар ҷанбаи қазоӣ-ҳуқуқӣ, эътибороти дигаре, ба монанди ҳалол ва ҳаромро низ доранд, мехостанд дар ин бора қонуни мустақилле бароварда шавад. Давлати Усмонӣ баъдтар соли 1336 ҳ./1918 м. дар бораи аҳволи шахсӣ қонуне бо номи «Қарори ҳуқуқи оила» содир намуд.

в) Бахши уқубот. Дар бораи қонуни ҷиноӣ ва бахши уқубот низ чизе дар «Маҷалла» дарҷ нагардидааст ва он ба қонуни ҷиноие, ки қаблан соли 1274 ҳ. /1856 м. содир шуда буд, вогузор гардид.

Маҷаллаи аҳком дар ҳақиқат аввалин таҷрибаи расмӣ дар ҷодаи тадвини қонуни маданӣ ба маънои имрӯзаи он аст, ки ба таври комил аз фиқҳи исломӣ иқтибос гардидааст.

Дар муставои шахсӣ низ дар он давра талошҳое сурат гирифтаанд, ки китоби «Радду-л-

[1] Дурару-л-ҳукком, шарҳу Маҷаллати-л-аҳком. – Ҷ. 1. – С. 8-9; Муҳити Бурҳонӣ. Мукаддима. – Ҷ. 1. – С. 79. Ба нақл аз китоби Фалсафаи қонунгузорӣ дар ислом. – С. 63.

муҳтор ала-д-Дурри-л-мухтор»-и Ибни Обидин аз машҳуртарин осори илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин замина ба шумор меравад ва талоши илмие, ки фарзанди муаллиф Алоуддин ибни Обидин дар такмили он анҷом дода, бар аҳаммияти китоб афзудааст. Шоёни зикр аст, ки Муҳаммад Алоуддин ибни Обидин ба муддати се сол ба ҳайси узви кумитаи «Маҷалла ҷамъиятӣ» дар Туркия дар таълифи китоби «Маҷаллату-л-аҳком» кор кардааст.

Пас аз он дар муддати наздик ба якуним асре, ки гузашт, дигар чунин кори илмие на дар сатҳи расмӣ ва на дар муставои шахсӣ сурат нагирифтааст, дар ҳоле ки дар ин муддат тарзи зиндагии мардум ҳамроҳ бо пешрафтҳои сареи илмӣ ва навовариҳои технологӣ қисман ва ё куллан тағйир хӯрда, урфу одатҳои маврусӣ ба шаклҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ иваз шудаанд.

Раванди таҷаддуди муносибатҳо дар ҷомеа ҳазорон масъалаи тозаро барои мардум ба вуҷуд овард, ки изҳори назари шаръ ва муайян сохтани ҳукми фиқҳии онҳо аз муҳимтарин вазоифи динии донишмандони фиқҳи исломӣ ба шумор меравад. Масоил ва мушкилоте, ки дар ҷараёни дигаргуншавии тарзи зиндагӣ ба вуҷуд омадаанд, тамоми паҳлӯҳои ҳаётро фаро гирифта, аз бахшҳои гуногуни фиқҳ бознигарии нав, коркарди дақиқ ва баёни ҳукми шаръии худро металабанд.

Ҷаҳон имрӯз бо суръат ба сӯи ҳамгароӣ ва таъсиргузориҳои гуногун дар шеваи зиндагонии ҳамаи қавму миллатҳо дар ҳаракат аст. Ҳатто агар масъала ва дигаргуние дар тарзи зиндагии мардуми Аврупо ба вуҷуд ояд, таъсири худро дар ҳаёти мусулмонон бар ҷой мегузорад. Масъалаи тасфия, коркард ва истеъмоли поёнобаҳои касифи шаҳрҳо,[1] бордоркунии сунъӣ, шинонидани узвҳои бадани инсон дар шахси дигар, ба хусус шинонидани узвҳои таносулӣ, марги ихтиёрӣ,[2] хӯрдани гӯшти моҳиёне, ки дар поёнобаҳо (фозилобҳо) ва ҳавзҳои тасфияи онҳо парвариш меёбанд, анҷом додани қарордодҳо аз тариқи воситаҳои алоқа, марги димоғ (мағзи сар), гирифтани дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, колбадшикофӣ,[3] ҷарроҳӣ барои зебоӣ[4] ва садҳо масъалаи дигар, ки мардуми мусулмон назари шаръро дар бораи онҳо ҷӯё ҳастанд, имрӯз коркарди нави фиқҳиро талаб менамоянд.

Ин ҳолат ҳатто дар қисмати ибодот, ҳарчанд камтар бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад, чӣ тавре инро дар мавзӯи бастани эҳром аз Ҷадда, исботи рӯъяти ҳилол аз сӯи расадхона, таварруми молӣ[5] ва таъсири тағйири қимати пул дар пардохти қарзҳо ва ғайра мушоҳида менамоем.

Алҳамду лиллоҳ, ки маҷмаъҳои фиқҳӣ ва шӯроҳои илмие, ки дар ҷаҳони Ислом дар ним қарни гузашта таъсис ёфтаанд, ба баррасӣ ва ибрози назари шаръ дар бораи баъзе масоили мубрами рӯз пардохтаанд, вале аз сӯи донишмандони фиқҳи ҳанафӣ ҳанӯз кори чандоне дар ин замина сурат нагирифтааст.

Мақсуд аз ин гуфтаҳо он аст, ки яке аз усули собити ислом истимрори бознигарии масоили тоза ва коркарди нави онҳо бар асоси меъёрҳои шаръ дар таносуб бо раванди навшавии тарзи ҳаёти мардум аст ва бояд он ба таври пайваста анҷом дода шавад. Мо дар рафти баёни аҳком илова бар зикри мавқеи фиқҳии бузургони мазҳаб дар гузашта, назари баъзе муҳаққиқон ва соҳибназарони муосири ҷаҳони исломро низ бозгӯ намудаем, то хонандаи арҷманд аз вуҷӯҳи гуногуни масоил ва коркарди нави баъзе

---

[1] Поёноба -/ҳо/-и касиф: пасобҳое ҳастанд, ки тавассути шабакаи канализатсия ва оброҳаҳои махсуси шаҳрҳо ва манотиқи маскунӣ ба ҳавзҳо ва чоҳҳои махсусе дар қисмати поёнии шаҳрҳо мерезанд ва дар он ҷойҳо бори дигар тасфия ва дар баъзе шаҳрҳои бузурги дунё дубора ба истифода дода мешаванд. Онро ба форсии имрӯза фозилоб мегӯянд.

[2] Марги ихтиёрӣ ва ё осонмирӣ – он аст, ки дар баъзе кишварҳои аврупоӣ ба беморони гирифтори бемориҳои дармоннопазир ба таври қонунӣ ҳаққи ихтиёри марг дода шудааст. Вақте онҳо ба марги осон розӣ шаванд, ба воситаи доруе ба ҳаёташон поён дода мешавад. Ин амалияро дар истилоҳи тиб эйтаназия ва ба забони англисӣ [Euthanasia] меноманд.

[3] Колбадшикофӣ – ба маънои шикофтан ва пора кардани узвҳои ҷасади мурда барои таҳқиқ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ аст, ки онро дар истилоҳи тиб аутопсия [Autopsy] мегӯянд.

[4] Ҷарроҳӣ барои зебоӣ, ки ба он ҷарроҳии пластикӣ ва ё косметикӣ мегӯянд, имрӯз хеле ривоҷ ёфтааст, ба монанди тағйир додани тарҳи рӯй ва дигар мазоҳири бадан.

[5] Таваррум -/ иқтисодӣ: ба маънои афзоиш ва ё бароварди аз ҳад зиёди пул дар як кишвар аст, ки дар баробар ва ё ба андозаи он ашё ва хидматгузориҳои зарурӣ вуҷуд надошта бошанд ва иқтисоди кишвар онро ба гардиш дароварда натавонад ва дар натиҷа боиси беқурбшавии пул (инфлятсия) ва болоравии қиматҳо гардад.

онҳо огаҳӣ ва маълумоти дақиқ пайдо намояд ва дар вақти зарурат онҳоро мавриди амал қарор диҳад. Зеро тамоми мазҳабҳои фиқҳии барҳаққе, ки имрӯз дар ҷаҳони ислом вуҷуд доранд, воқеияти дини мубини исломро дар якҷоягӣ ифода менамоянд ва онҳо дар тӯли таърихи мавҷудияти хеш мукаммили якдигар буда, бузургони онҳо истифода аз роҳи ҳалҳои якдигарро дар ҳолати зарурат ҷоиз донистаанд.

Шоёни зикр аст, ки рукнҳо ва аҳкоми дин ба ду бахши асосӣ ва ё ба ду ҳавза тақсим мешаванд:

а) усули куллӣ, арзишҳои собит ва аҳкоми тағйирнопазире, ки аз ҷониби худи шариъ пешбинӣ ва муайян гардидаанд, **б)** масоили иҷтиҳодӣ ва он аҳкоме, ки бо назардошти замон ва макон ва ё бо такя ба урф ва дигар меъёрҳои тағйирёбанда бино ёфтаанд ва бо дигаргун шудани онҳо ҳукми он масоил низ дар таносуб бо раванди дигаргуниҳо тағйир меёбад. Ин ба он маъност, ки дини мубини ислом дар асли қонунгузории худ ҳам усули куллӣ ва арзишҳои тағйирнопазиреро пешбинӣ намудааст, ки дар ҳама давру замон ба як ҳолат ва ё меъёр (стандарт) боқӣ мемонанд ва ҳам раванди таҷаддудпазирии ҳаёт ва навшавии баъзе мазоҳир ва шаклҳои зиндагиро, ки ҳатман ҳаводис ва масоили тозаеро ба ҳамроҳ дорад, дар назар гирифтааст.

Бо пешбинӣ шудани ҳар ду бахш дар қалламрави фиқҳи исломӣ ҳамзамон ҳам асолати илоҳӣ ва хусусияти ҷовидонагӣ ва ҳам фазои муносиби иҷтиҳодӣ ва раванди таҷаддуд ва навшавӣ дар он таъмин гардидааст.

Ин амр аз як сӯ, заминаи бознигарии масоили тоза ва ҳампоӣ бо суръати таҳаввули зиндагиро дар ҳама давру замон барои фиқҳи исломӣ ба вуҷуд оварда ва аз сӯи дигар, беҳтарин имконият ва маҷолро дар заминаи коркарди қонун, пешбинии дурнамои зиндагӣ ва ташаккули зарфиятҳои зеҳнӣ дар ихтиёри инсон қарор додааст.

РОҲНАМОИ КИТОБ

Фиқҳ дар луғат ба маънои дониш, фаҳм, маърифат; фаҳмидан ва дарёфтани мафҳум ва воқеияти чизе аз тариқи корбурди мафҳумҳо ва ё чизҳои маълум мебошад. Яъне фиқҳ ба маънои расидан ба мафҳуми даркношуда ва чизи ҳанӯз номуайян ба воситаи мафҳумҳо ё чизҳои маълум ва шинохташуда аст.[1]

[1] Зоҳири ибораи баъзе луғатномаҳо, ба монанди ал-Қомус ва ал-Мисбоҳу-л-мунир, бар ин далолат доранд, ки фиқҳ ба маънои мутлақи фаҳм аст, хоҳ маънои он чиз ошкор бошад ё пӯшида ва зоҳиран баъзе корбурдҳои он дар Қуръон (Ҳуд, 11: 91; Исро, 17: 44) низ ба он далолат доранд, вале пас аз тааммул ва таъмиқи назар (умқнигари) ба ибораҳои забоншиносоне, ки дар пайи таъйини тафовутҳои дақиқи вожаҳои муташобеҳ баромадаанд, ба ин натиҷа мерасем, ки фиқҳ дар луғат ба маънои имъони назар ва дарки дақиқ аст ва корбурдҳои фаровони вожаи фиқҳ ва муштаққоти он дар фарҳанги қуръонӣ асосан ба маънои басирати комил ва дарки дақиқ омадаанд. Абуҳилоли Аскарӣ дар ал-Фурӯқу-л-луғавия мегӯяд: Фиқҳ он аст, ки бо диққат ва тааммул ба муқтазои каломе пай бурда шавад (Абуҳилол ал-Аскарӣ. ал-Фурӯқу-л-луғавияту (таҳқиқи Муҳаммад Иброҳим Салим). – С. 87–88. – Қоҳира: Дору-л-илми ва-с-сақофа, 1997).

Ҳамин корбурди вожаи фиқҳ дар оёти қуръонӣ ба маънои басират ва дарки дақиқ замина (сабаб) гардид, то дар ривоятҳои дигари динӣ ва назди коршиносони улуми шаръӣ, аз қабили усулиён ва фуқаҳо, ин вожа мутародиф бо басират ва дарки дақиқи умури динӣ ба кор равад ва ҳамон маънои луғавии он ирода шавад, танҳо бо маҳдуд шудани маънои он ба умури динӣ. Ин маҳдудияти татбиқии маънои он то замони аз ҳам ҷудо гаштани улуми динӣ дар авохири садаи дуюм ва авоили садаи сеюми ҳичрӣ ҳамчунон идома дошт ва пас аз он улуми динӣ ба риштаҳои мустақилле, ба монанди илми тавҳид, илми ахлоқ (маърифату-н-нафс), илми тафсир ва ғ., тақсим ва аз сохтор (таркиб)-и илми ҳадис ва фиқҳ ҷудо гаштанд ва фиқҳ дигар танҳо ба унвони илм ва риштаи хоссе ба маънои маърифат ва шинохти аҳкоми амалии шаръ ва низ номи хосси яке аз улуми динӣ ба кор мерафт.

Пас корбурдҳои луғавӣ ва такомули тадриҷии маънои фиқҳ то расидан ба сатҳи истилоҳи усулӣ се марҳалаи мутафовит, вале паёпайи луғавӣ-фиқҳиро аз сар гузаронидааст: 1. Марҳалаи мутародиф будани он бо лафзи «шаръ» ва дар ин давра ба маънои маърифати ҳар он чи аз сӯи Худои таъоло бо номи шаръ омада, ба кор рафтааст, хоҳ ба бахши ақоид ва усули эътиқодот бастагӣ дошта бошад ё ба бахши ахлоқ ва ё ба афъоли ҷавореҳ ва аъмоли зоҳирии мукаллафон. Ва он таърифе, ки аз имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи фиқҳ ривоят шудааст: Фиқҳ маърифат (шинохт)-и нафс аст он чиро, ки ба (нафъи) вай аст ва он чиро, ки ба (зарари) вай аст, ба маънои фиқҳ дар ҳамин давра бармегардад. Ин аст, ки шинохти ақоид ва усули динро фиққи акбар (бузургтарин асл дар миёни улуми динӣ) номидааст. 2. Марҳалаи маҳдудтар ва қисман хос гаштани маънои фиқҳ ба улуми фаръии дин ва ҷудо шудани илми тавҳид аз таркиби он аст. Дар ин давра ақоиди исломӣ ба усули дин ва улуми дигари он ба илми фиқҳ шинохта мешуданд ва ҳанӯз ҳам илми ахлоқ дар зимни мафҳуми умуми истилоҳии он боқӣ монда буд. 3. Марҳалаи истиқрори ниҳоӣ ва дақиқан мушаххас гаштани маъно ва ҳавзаи татбиқӣ ё доираии фарогирии он аст, ки то имрӯз ба ҳамон мафҳум боқӣ мондааст. Дар ин давра илми ахлоқ низ аз таркиби он ҷудо ва бо номи маърифату-н-нафс ё тасаввуф шинохта шуд. Таърифҳое, ки аз бузургони дин, ба хусус усулиён, дар таъйини маънои истилоҳии фиқҳ омада, ба ин марҳала ва маънои ниҳоии фиқҳ ба ҳайси илми мустақил бармегарданд, яъне фиқҳ илм дар бораи аҳкоми амалӣ ва фаръии шаръ аст, ки аз далелҳои тафсилии он баргирифта шудаанд.

Аз таърифи ахири фиқҳ бармеояд, ки илм дар бораи аҳкоми эътиқодии шаръ, ки усули динро ташкил медиҳанд ва дар бораи аҳкоми қалбӣ ё ботинии шаръ, ки ба аъмоли дил бастагӣ доранд, ба мисли ҳаром будани ҳикд, ҳасад, риё, кибр, вуҷуби муҳаббати хайр ва ғ. дар зимни мафҳуми фиқҳ ба маънои истилоҳиаш дохил намегарданд, балки дар илми дигаре мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ҳамчунин аҳкоми шаръие, ки дар илми усули фиқҳ баррасӣ мешаванд, ба мисли вуҷуби амал ба хабари оҳод, вуҷуби пойбандӣ дар қиёс ва ғ. низ дар ҳавзаи мафҳумҳои фиқҳӣ дохил намешаванд, зеро онҳо аз ҷумлаи аҳкоми илмӣ-усулӣ ҳастанд, на аз аҳкоми амалии шаръ. Илми Ҷабраил (а) ва илми паёмбар (с) низ, ки аз тариқи ваҳӣ ба ӯ расида, аз мафҳуми фиқҳ ба маънои истилоҳиаш ба шумор намераванд, зеро он аз тариқи истидлол ва истинбот аз далоили тафсилии шаръ барои онҳо ҳосил нашуда, балки аз роҳи кашф ва ваҳӣ ба онҳо расидааст.

Аммо фиқҳ дар истилоҳи фуқаҳо ба ду маъно омадааст: 1. Ҳифзи қисмате аз аҳкоми амалии шаръ, ки дар Китоб ё Суннат ворид шуда ё ба тариқи иҷмоъ ҳосил гардида ва ё ба тариқи қиёси шаръан муътабар ё усули дигари иҷтиҳодӣ истинбот гардидаанд, хоҳ бо далелҳояшон дар сарҷашмаҳои шаръ ҳамроҳ бошанд ё не, 2. Маҷмӯаи аҳком ва масоили амалии шаръ. Абуҳилоли Аскарӣ гӯяд: Илми шаръ барои он фиқҳ номида шуда, ки бинои

Аммо дар истилоҳи ҳуқуқӣ ва дар назди коршиносони соҳаи аҳком фиқҳ номи илме аст, ки ба омӯзиши аҳкоми амалии шариат, ки аз далелҳои тафсилии он ба даст оварда шуда ё мешаванд, мепардозад,[1] яъне он илмест, ки аҳкоми амалии шариатро, ки ба онҳо масоили фаръӣ ва ё фуруъ низ гуфта мешавад, дар тамоми бахшҳо мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва онҳоро аз далелҳои тафсилӣ ва асосҳои шаръӣ коркард ва муайян менамояд ва мақсад аз омӯзиши он касби малакаи илмиест барои маърифат ва шинохти аҳкоми амалии шаръ.[2] Он дар истилоҳ ба маҷмӯи аҳкоми шаръӣ ва бахши қонунҳои он низ итлоқ мегардад ва вақте мегӯем: Фиқҳро омӯхтем, ҳамин маънои дуюми он дар истилоҳ дарназар аст. Пас фиқҳ маҷмӯаи аҳкоми амалии шариат аст.[3]

Мафҳуми ҳуқуқи динӣ ба равиши суннатӣ асосан бо ду калимаи шариат ва фиқҳ баён мешавад. Шариат ба қонуни Худованд аз ҷанбаи моҳият ё хоссияти илоҳӣ доштани он далолат мекунад, эҳсоси тааҳҳуди динӣ ва ҷазбаи имониро бармеангезад, дар корбурдҳои ғайри истилоҳиаш ба маънои ислом ва дини илоҳӣ мутародиф аст ва бо маҷмӯаи қавонини илоҳӣ пас аз нузули ваҳй собит шудааст, дар ҳоле ки фиқҳ зоҳиран ба фаъолияти зеҳнии нухбаи донишмандон далолат дорад ва ҳадди аксар барангезандаи таваҷҷуҳ ва кашишҳои фикрӣ ба таҳқиқоти фиқҳӣ аст. Ин ду калима аҳёнан ба ҷои якдигар низ ба кор мераванд ва дар ин сурат далолатҳои мусбати шариат ба талошҳои фиқҳӣ ва фаъолиятҳои зеҳнии фақеҳон дар коркарди аҳкоми шаръӣ низ сироят мекунад.

он бар маърифати каломи Худо ва каломи расули Худо (с) ниҳода шудааст (ал-Фуруқу-л-луғавияту (таҳқиқи Муҳаммад Иброҳим Салим). – С. 87–88).

Ба гуфтаи Таҳонавӣ, илми фиқҳ ва усули фиқҳ илми дироя низ номида шаванд ва аз имом Абуҳанифа (рҳ) ривоят шуда, ки фармуд: Фиқҳ маърифати нафс мо лаҳо ва мо ъалайҳо аст, яъне шинохти нафс он чиро, ки ба (нафъи) вай аст ва он чиро, ки бар (зарари) вай аст ва ин ибора эътиқодиёт, ба монанди вуҷуби имон ва ғ., вичдониёт, яъне ахлоқи ботинӣ, малакаҳои нафсонӣ ва илмиёт, ба монанди рӯза, намоз, байъ ва ғ.-ро дар бар мегирад. Пас маърифати мо лаҳо ва мо ъалайҳо дар эътиқодиёт илми калом (тавҳид), дар вичдониёт илми ахлоқ ва тасаввуф, ба монанди тақво, сабр, ризо, ҳузури дил дар намоз ва ба монанди инҳо ва дар илмиёт илми фиқҳ ба маънои истилоҳии он аст. Имом Абуҳанифа (рҳ) қайди «амалан»-ро ба он наафзуда, балки онро мутлақ – бе қайд овардааст, то ҳамаи навъҳои улуми диниро аз эътиқодиёт, вичдониёт ва илмиёт дар бар гирад ва барои ҳамин илми ақоид ва усули динро фиқҳи акбар номидааст.

Имом Ғазолӣ овардааст, ки мардум дар номи фиқҳ тасарруф карда, онро ба илми фатово ва шинохти далоил ва иллатҳои онҳо маҳдуд ва хос гардонидаанд, дар ҳоле ки вожаи «фиқҳ» дар асри аввал бар илми охират, маърифати офоти нафсҳо ва огаҳӣ аз охират ва беарзишии дунё (дар баробари он) итлоқ мешуд (Муҳаммадалии Таҳонавӣ, Каш-шофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум, муқаддима (илми фиқҳ). – Ҷ. 1. – С. 40. – Бейрут: Мактабату Лубнон ноширун, 1996).

[1] Салим Рустам Бози Лубнонӣ (узви собиқи шӯрои давлатӣ дар хилофати усмонӣ), Шарҳи Маҷалла, моддаи якум. – Ҷ. 1. С. 16.. – Бейрут; Дурару-л-ҳукком, шарҳу Маҷаллати-л-аҳком, Алӣ Ҳайдарафандӣ (тарҷимаи арабӣ, Фаҳмӣ Ҳусайнӣ). Моддаи 1. – Ҷ. 1. – С. 15. – Бейрут. Минбаъд: Дурару-л-ҳукком.

[2] 1. Масъала, ҷамъаш масоил – матлаб, қазия, суол ё ҷустуҷӯшудаест, ки исботи он ба далел ва бурҳон ниёз дорад. 2. Ҳукм, ҷамъаш аҳком – хитоб (амр, сухан)-и шореъ мутааллиқ ба феъли мукаллаф аст ва Садрушшариа дар таърифи он мефармояд: Ҳукм чиз (амр ва амал)-е аст, ки бар асоси хитоби шореъ собит шудааст, ба мисли вуҷуб, сиҳҳат, фасод ва ғ.; мурод аз аҳкоми шаръӣ авомир, қонунҳо ва муқаррароти амалие аст, ки шореъ барои танзими ҳаёти иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои мардум бо якдигар содир намудааст. 3. Хитоб – паём, гуфта, амр, сухан. 4. Шаръӣ ба он аҳкоме гуфта мешавад, ки бо хитоб (амр ва гуфта)-и шореъ собит шудаанд, на ба ғайри он, баробар аст, ки он ҳукм бо нафси хитоби шореъ собит шуда бошад ё ба назири он, яъне бо қиёс ба ҳукме, ки бо хитоби шореъ собит шудааст. 4. Шореъ дар истилоҳи фақеҳон ба маънои қонунгузор ва соҳиби шариат аст, ки ӯ Ҳақ ҷалла ҷалолуҳу аст. Вале аз он ҷо ки паёмбарон воситаи расонидани авомири илоҳӣ ба мардум ҳастанд, ба онҳо низ шореъ гуфта мешавад ва манзури фақеҳон аз шореъ дар матнҳои фиқҳӣ паёмбари ислом Муҳаммад (с) аст. 5. Амалӣ ба он аҳкоме гуфта мешавад, ки ба афъоли мукаллафон тааллуқ доранд. 6. Мурод аз масоил ё аҳкоми шаръӣ масоил ва аҳкоме ҳастанд, ки бо хитоби шаръ собит шудаанд ва он эҳтироз аз масоили ақлӣ (дар илми калом), масоили ҳиссӣ (бадеҳиёти ақлӣ) ва масоили истилоҳӣ дар дигар улум аст. 7. Масодир – сарчашмаҳо ё адиллаи фиқҳ чаҳоранд: Китоб, Суннат, иҷмоъ ва қиёс, ки ду сарчашмаи аввал масдар (саргаҳ, марҷаъ)-ҳои аслӣ ва ду сарчашмаи баъдӣ аз масдарҳои фаръӣ ё ёрирасон ба шумор мераванд. 8. Масоили фиқҳӣ ду қисманд, қисме ба умури охират тааллуқ доранд, ба монанди ибодот ва қисме ба умури дунё ва мутаалликоти тамаддун ихтисос доранд, ба монанди масоили марбут ба бинои хонавода, муомилот ва уқубот (Дурару-л-ҳукком. – Ҷ. 1. – С. 14).

[3] Мустафо Аҳмад Зарқо. ал-Мадхалу-л-фиқҳию-л-омм. – С. 65, 66.

Мавзӯи илми фиқҳ аз афъол (аъмол)-и шахси мукаллаф субутан ва нафйан[1] иборат буда, ҳадафи он, ҳамон гуна ки зикр гардид, расидан ба саодати дорайн аст. Омӯзиши илми фиқҳ дар он аҳкоме, ки ба ибодот тааллуқ доранд, ба таври иҷмолӣ бар ҳар марду зани мусулмон фарзи айн аст ва он ба ғайр аз илми тавҳид, тафсир, ҳадис ва усули фиқҳ аз ҳамаи улум боарзиштар аст.[2]

Китобе, ки инак рӯи даст доред, аҳком ва масоили шаръӣ дар он мувофиқи фиқҳи ҳанафӣ баён гардида, бо истифода аз китобҳои муътабари ин мактаби фиқҳӣ навишта шудааст ва дар он ҳаддалимкон кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки аҳком ва масоили гуногуни шаръӣ бо забони содаву равон барои навомӯзон баён шаванд, то ҳама битавонанд аз он баҳраманд гарданд.

Ангеза ва сабаби аслии нигориши он набудани ин гуна китобҳо барои навомӯзони улуми исломӣ дар кишварамон бо забони тоҷикӣ (бо ҳарфҳои кириллӣ) дар заминаи фиқҳи ҳанафӣ мебошад. Албатта, ба забони форсӣ дар ин замина китобҳои зиёде ҳастанд, ки арзиши баланди илмӣ доранд, аммо ҳам забон ва шеваи нигоришашон барои талабаи навомӯзи имрӯз вазнин ва хастакунанда мебошад ва ҳам бо алифбои ниёгон – ҳуруфи форсӣ навишта шудаанд, ки шумори хеле ками ҷавонони мо ба он ошноӣ доранд ва алоқамандон тақрибан наметавонанд аз онҳо истифода намоянд.

Бинобар ин, дар фарогирии он вақт ва нерӯи зиёди фикрии донишомӯзон сарф мешавад, дар сурате ки мумкин аст ҳамон матолибро бо ҳарфҳои кириллӣ ва ба таври содаву равон баён кард ва онро дар муддати кӯтоҳе фаро гирифт, сипас ба омӯзиши китобҳои болотари фиқҳ пардохт. Илова бар ин, мардум низ аз он ба таври васеъ истифода мебаранд.

Хуб аст ёдовар шавем, ки тамоми масоили фиқҳӣ дар ин китоб бар асоси назари ҷумҳури (аксарияти мутлақи) донишмандони мазҳаби ҳанафӣ таҳрир гардидааст. Дар баъзе масъалаҳои фаръӣ ҷумҳури донишмандони аҳли суннат, ки се мазҳаби дигари фиқҳиро дар бар мегирад, назари дигаре доранд. Ин амр аз он ҷиҳат аст, ки дар баъзе масъалаҳо чанд сурати татбиқӣ аз паёмбар (с) собит гардидааст ва далелҳои шаръии ҳар ду тараф дар қуввату субут тақрибан бо ҳам баробаранд ё яке қавитар ва дигаре аз паҳлӯҳое заъифтар мебошад, вале дидгоҳҳои фиқҳии ҳар ду тараф бо далелҳои шаръӣ асоснок гардидаанд.

Дар ин ҷо баъзе донишмандони мазҳаби ҳанафӣ ва ё ақаллияти нисбии онҳо дар порае аз масоил пас аз таҳқиқу баррасии далелҳои ҳар ду ҷониб далелҳои ҷумҳури донишмандони аҳли суннатро қавитар ёфта, назари онҳоро тарҷеҳ ва ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамчунин донишмандони мустақил ва ақаллияти нисбии дигар мазҳабҳои аҳли суннат низ дар порае аз масоил назари пешвоёни киром ва машоихи мазҳаби ҳанафиро тарҷеҳ ва ҷонибдорӣ менамоянд.

Дигар дар аксари масоили муҳимми фиқҳӣ назари ҷумҳури донишмандони аҳли суннат, яъне чаҳор мазҳаб бо ҳам муттафиқ ва мувофиқ мебошад. Дар ин миён фақеҳоне низ ҳастанд, ки дидгоҳи фиқҳии онҳо дар порае аз масоили фаръӣ аз назари ҷумҳури аҳли суннат фарқ дорад ва дар тамоми мавридҳои зикршуда нуқтаназарот ва дидгоҳҳои фиқҳии ҳар даста бо далоили шаръӣ ба тавре ки гуфта шуд, асоснок мебошанд.

Ин гуногунназарии фиқҳӣ дар асрҳои аввали ислом дар даврони ҳаёти поягузорони мактабҳои фиқҳи исломӣ низ вуҷуд дошт. Онҳо таҳқиқоти фиқҳии худро бо эҳтироми дидгоҳҳои фикрии дигарон ва ба дур аз ҳар гуна таассуби мазҳабӣ пеш мебурданд. Дар баъзе масъалаҳои фаръӣ назари имом Абуҳанифа (рҳ) як хел ва нуқтаи назари бузургтарин пайравони он ҳазрат Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ), бо тахаллуси Имомайн, дигар хел буда ва дар мазҳаб низ гоҳе назари онҳо дар он масъала қавли роҷеҳ ва мавриди фатво қарор гирифтааст.

Гоҳе яке аз онҳо дар масъалае бо имом Абуҳанифа (рҳ) ҳамназар мегардид ва яке танҳо нуқтаи назари худро дар он масъала дастгирӣ мекард. Замоне дидгоҳи Имомайн дар масъалае бо нуқтаи назари ҷумҳури фақеҳони аҳли суннат, яъне се мазҳаби дигар мутобиқат ва назари имом Абуҳанифа (рҳ) дар он масъала аз онҳо фарқ мекард.

[1] Мурод аз калимаи субутан ва нафйан тамоми афъоли банда аст, ки аз назари шаръ ба сурати фармуда (собитшуда)-ҳо ва манъшуда (нафйшуда)-ҳо зоҳир мешаванд. Баъзе аз онҳо амрҳо ва амалҳо ва баъзе дигар наҳйҳо ва манъшудаҳо ҳастанд

[2] Дурару-л-ҳукком. Моддаи 1. – Ҷ. 1. – С. 16.

Гоҳе дар мавзӯе нуқтаи назареро бино ниҳода, аз он бо далелҳои фиқҳӣ дифоъ мекарданд, вале пас аз муддате қавитар будани мавқеияти далелҳои фақеҳони дигар мазҳаб барояшон собит гардида, ба фикри онҳо бармегаштанд.

Дар миёни донишмандони дигар мазҳабҳои аҳли суннат низ ҳамин шеваи инсоф ва худотарсӣ ҷорӣ ва пойдор буд. Дар назари онҳо ҳифзи якпорчагӣ ва боло бурдани сатҳи фарҳангӣ ва маърифатнокии динии мардум аҳаммият дошт, на чизи дигаре. Онҳо вуҷуд доштани нуқтаназароти гуногуни фиқҳӣ ва дидгоҳҳои мутафовити донишмандони исломро дар баъзе мавзӯъҳо вусъати пургунҷоиш ва паҳнои кушодаи боргоҳи фиқҳи исломӣ медонистанд, ки дар ҳар масъалае чандин роҳро дар пеши рӯи бандаи муъмин қарор додааст.

Ин боргоҳи бовусъати фиқҳӣ барои онҳо неъмати бузурге ба шумор мерафт. Муҷтаҳидон ва фақеҳони баландпояи ислом пас аз асрҳо низ аз ҳамон меъёри имонӣ, чорчӯбаи эҳтироми дидгоҳҳои дигарон ва арҷ ниҳодан ба ҳақиқат лаҳзае берун нарафтаанд.

Фақеҳони киром ва донишварони мутааххир низ пас аз таҳқиқотҳои тӯлонӣ ва баррасии далелҳои тамоми мактабҳои фиқҳии аҳли суннат назари дигаронро дар баъзе масоил тарҷеҳ дода, онро барои мазҳаби худ низ асос ва қавли муътабар донистаанд. Дар айни ҳол ба ҳамон мактаби фиқҳии худ вафодор боқӣ мондаанд, яъне ҳеҷ гуна таассуби мазҳабие онҳоро аз эътироф ва қабули ҳақ монеъ нагаштааст.

Зиндагӣ ҷӯйи равон асту равон хоҳад буд,
Ин майи кӯҳна ҷавон асту ҷавон хоҳад буд.
Ончи будасту набояд, зи миён хоҳад рафт,
Ончи бойисту набудаст, ҳамон хоҳад буд!

Дар гузаштаҳо дар қаламрави Осиёи Миёна ва сарзаминҳои шарқии хилофат, ба хусус дар марказҳои илмӣ ва шаҳрҳои бузурги он, пайравони мазҳабҳои гуногуни аҳли суннат дар канори ҳам мезистанд ва ҳама бо ҳам дар ғанӣ гардонидани ҳавзаи фарҳанги динии мардум мекӯшиданд. Дар баъзе мавридҳо бо назардошти ҳолатҳои гуногуни бавуҷудомада барои бартараф намудани заруратҳои мардум назари фақеҳони мазҳабҳои дигари аҳли суннатро ба кор мебурданд, ҳарчанд назари онҳо дар айни ҳамон масъала қавли роҷеҳ ҳам набошад.

Салафи солеҳи ин уммат дар гузашта бо чунин кушодасадрӣ, самоҳати динӣ ва диди пӯё ба Ислом менигаристанд ва ҳатто бузургтарин намояндагони илмӣ ва пешвоёни динии мардуми форс (тоҷик), ба монанди имом Ғазолӣ, имом Фахри Розӣ ва дигарон аз мазҳаби имом Шофеъӣ (рҳ) ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва шайх Абдулқодири Гелонӣ аз мазҳаби ҳанбалӣ пайравӣ мекарданд, имом Бухорӣ – бузургтарин муҳаддиси ҷаҳони Ислом, имом Муслим, имом Тирмизӣ ва ғайри онҳо поягузор ва пайрави мазҳаби фиқҳии дигаре бо номи мазҳаб ва ё тариқаи аҳли ҳадис буданд, дар ҳоле ки аксарияти мардуми тоҷик дар тӯли таърих аз мазҳаби ҳанафӣ мутобиат мекарданд.

Ба ин маъно, ки гузаштагони солеҳ дини мубини исломро тарҳи комили илоҳӣ ва тамоми мазҳабҳои барҳақро дар маҷмӯъ ифодагари комили дини Худо медонистанд. Зеро усули куллӣ ва арзишҳои тағйирнопазири ислом дар ҳамаи ин мазҳабҳо як аст ва он ихтилофи назаре, ки дар байни онҳо вуҷуд дорад, дар масоили иҷтиҳодӣ ва ҳаводисе аст, ки дар раванди навшавии тарзи зиндагӣ ба вуҷуд меоянд.

Асрҳои мутаволӣ ва муддатҳои мадиде мардуми Осиёи Миёна дар қаламрави ҳуқуқии як мактаби фиқҳӣ – мазҳаби ҳанафӣ қарор гирифтаанд, ки он нишондиҳандаи камол ва саботи ҳуқуқии ин мазҳаб, аз як сӯ ва вусъати нуфуз ва густариши он, аз сӯи дигар аст. Вале дар ду-се асри охири даврони ҳокимияти аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна бо сабабҳои гуногуне фарҳанги волои исломӣ дар миёни мардуми он рӯ ба сустӣ ва таназзул ниҳод, ки ин ҳолат қишре аз пешоҳангони фарҳангӣ ва нухбаи динии он замонро ба фикри ҷустани роҳи ҳал ва ислоҳи вазъ водошт ва дар ниҳоят ба бедории динӣ ва ҷунбиши фарҳангии рӯшанфикрони ин сарзамин анҷомид. Вале чун давраи авҷи ин ислоҳот ва доругирҳо ба замони ғалабаи болшевикон дар Россия ва пас аз он ҳамлаи артиши сурх ба Осиёи Миёна рост омад, амир ва тарафдоронаш дар муқобили он тоби муқовимат наёварданд ва аз дасти мардуми ислоҳталаб низ коре барнаёмад, ки ба гуфтаи шоир: Пари моҳи нагирад домани амвоҷи дарёро. То он ки

саранҷом, ҳокимияти Шӯравӣ бисоти тамоми дину мазҳаб ва ҳама гуна фарҳангу худшиносиро аз ин сарзамин барчид ва мардумро ба куллӣ аз гузаштаи худ ҷудо сохт.

Гузаштагони ориф ва пешвоёни солеҳи ин мардум он гуногунназариро дар порае аз масоил раҳмате барои мардуми мусулмон медонистанд. Дӯст надоштам, ки шузаштагони ин умматсаҳобагон ва тобеини онҳо бо ҳам ихтилоф – назарҳои гуногун надошта бошанд. Зеро он дар фиқҳ вусъат ва ғановат оварда, барои мардум амал бо онро осон гардонидааст. Вақте аз халифаи одил Умар ибни Абдулъазиз (рҳ) хоста шуд, ки пеши гуногунандешии диниро бигирад ва ҳамаро ба як равиши фиқҳӣ ва ваҳдати назар дар масоил амр кунад, фармуд: вале пас аз чунин ақибафтодагии фарҳангӣ дигар онро ба сурати азобе бар сари худ даровардаанд.

Вале набояд бо шунидани номи мактабҳои фиқҳӣ, ба монанди мазҳаби ҳанафӣ, мазҳаби моликӣ ва мазҳабҳои дигар ба ин фикр роҳ дод, ки ин мактабҳои ҳуқуқӣ аз якдигар комилан фарқ доранд ва он ба маънои парокандагии эътиқодии мусулмонҳост, балки ҳамаи онҳо дар усули куллӣ ва асосҳои корӣ ба ҳам ваҳдати умумӣ доранд ва ҳама аз сарчашмаи арзишҳои Қуръон ва суннат сероб мегарданд.

Аммо дар ҳавзаи фиқҳи исломӣ як даста масоили фаръие вуҷуд дорад, ки онҳоро масоили ихтилофӣ мегӯянд. Ба ин маъно, ки онҳо дар қаламрави таҳқиқоти иҷтиҳодии донишмандон қарор мегиранд ва он донишмандонро баррасиҳои гуногун ва таҳқиқотҳои озоди илмӣ дар он масоил ба натиҷаҳои умумие мерасонад, ки ҳосили талошҳои иҷтиҳодии эшон ба шумор мераванд.

УЛУМИ ИСЛОМӢ

Ислом охирин ва комилтарин дини Худо аст ва тамоми барномаҳои он мутобиқи фитрати инсон ва барои манфиати ҷомеаи башарӣ пешбинӣ шудаанд. Саодату некбахтии башарият бо татбиқи барномаҳои созанда ва бо пойбандӣ ба арзишҳои башарии он таъмин хоҳад шуд ва ҷомеае, ки дар он ба арзишҳои воло ва қонунҳои бемонанди ислом амал мешавад, ҷомеаи идеалӣ хоҳад буд.

Мавзӯи китоби ҳозир, чӣ тавре зикр гардид, аҳкоми шариат ва ё масоли фиқҳӣ мебошад. Аҳкоми фиқҳӣ яке аз бахшҳои асосӣ ва таҳдоби қонунҳои амалӣ дар ислом аст. Барномаҳои наҷотбахши ислом ба се бахши муҳим ҷудо мешаванд, ки иборатанд аз:



Бахши аввал: *ақоид,* яъне он чизҳое мебошанд, ки мо, мусулмонон, бояд ба онҳо имон ва бовар дошта бошем, ба монанди: имон ба Худо, фариштагон, паёмбарон китобҳои осмонӣ ва рӯзи қиёмат.

Бахши дуюм: *аҳкоми амалии шаръ,* яъне *аҳкоми фиқҳӣ* ва онҳо масоиле мебошанд, ки бояд ба он амал кунем, ба мисли: намоз, рӯза, ҳаҷ, закот ва ғайра.

Бахши сеюм: *ахлоқ,* яъне сифот ва хислатҳое мебошанд, ки бояд худро ба он биороем, ба монанди: *тақво, ростгӯӣ, амонатдорӣ* ва ғайра.

Донишмандони ислом бахши ақоиди дини исломро *усул ва пояҳои* дин ва бахши аҳком ва ахлоқро фурӯи ва *шохаҳои дин* номидаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти аҳком дар дини ислом, илми махсусе барои он поягузорӣ гардидааст, ки онро илми фиқҳ ва олим ва коршиноси ин соҳаро фақеҳ гӯянд. Ин илм васеътарин ва густардатарин улуми исломӣ аст. Таърихи он аз тамоми дигар улуми исломӣ қадимтар ва дар ҳамаи замонҳо дар сатҳи бисёр густардае таҳсил ва тадрис мешуд.

Дар таърихи ислом фақеҳони зиёде гузаштаанд ва дар илми фиқҳ китобҳои зиёде навишта шудааст. Масъалаҳои зиёде, ки ҳама ҷанбаҳои зиндагии башарро фаро мегиранд, дар фиқҳ матраҳ мешаванд. Масоиле, ки дар ҷаҳони имрӯз бо номи ҳуқуқ шинохта мешаванд, бо анвои гуногунаш: ҳуқуқи асосӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи хонаводагӣ, ҳуқуқи ҷазоӣ, ҳуқуқи сиёсӣ ва ғайра дар бобҳои гуногуни фиқҳ бо номҳои дигар зикр мешаванд. Инчунин дар фиқҳ масъалаҳое, ба монанди масоили ибодатҳо баён шудаанд, ки дар ҳуқуқшиносии имрӯз гузориш наёфтаанд.

САРЧАШМАИ АСЛИИ АҲКОМ

Сарчашмаи аслии аҳком Қуръони карим ва суннати расули акрам (с) аст, яъне тамоми аҳкоми шаръие, ки дар китобҳои фиқҳ баён гардидаанд, дар ҳақиқат, қонунҳо ва дастурҳое мебошанд, ки Худои таъоло онҳоро дар Қуръони карим ба паёмбараш (с) ваҳй намудааст ва ё ба василаи суннати расули акрам (с) поягузорӣ гардидаанд.

Танҳо коре, ки олимони соҳаи фиқҳ анҷом додаанд, ин аст, ки он аҳкомро аз матни Қуръон ва суннати паёмбар (с) берун оварда, барои мардум бо забони сода баёну тафсир намудаанд. Ин равиши кор тамоман ғалат ва беасос будани андешаи баъзе кӯтоҳназаронеро собит менамояд, ки мепиндоранд фақеҳон аҳкоми диниро аз пеши худашон бофтаанд ва он аҳком бо Қуръон ва суннат мухолифанд.

Пас аз онҳо муҷтаҳидоне (коршиносони саршинос ва фақеҳони саромаде) ба монанди имом Абуҳанифа, имом Молик, имом Шофеъӣ ва имом Аҳмади Ҳанбал марҷаъ (руҷӯъгоҳ)-и мардум дар аҳкоми дин қарор гирифтаанд. Аксари китобҳои фиқҳии аҳли суннат, ки имрӯз дар дастраси мусулмонони олам қарор доранд, ё дар

нақли ақвол ва масоили истинботкардаи яке аз ҳамин фақеҳони ҷалилулқадр таълиф ва ба баёни гуфтаҳои онҳо пардохтаанд ё дар масоиле таълиф шудаанд, ки бар асоси қавоиди усулӣ ва фиққии онҳо истинбот гардида ва ба мазҳаби яке аз онҳо мансуб мебошанд.

Ду сарчашмаи дигари аҳком иҷмоъ ва қиёс ҳастанд. **а)** Иҷмоъ ба маънои иттифоқи назари бузургон ва уламои муътабари ислом, ба монанди саҳобагон, тобеин ва ғайра, дар даврaи муайяне дар бораи масъалае аз масоили динӣ аст. **б)** Қиёс ба маънои қиёс ва илҳоқ намудани масъалае, ки дар Китоб ва Суннат ҳукме дар бораи он собит нашудааст, ба он масъалае, ки ҳукми он дар яке аз он сарчашмаҳо собит шудааст.

ИҶТИҲОД

Иҷтиҳод ар. اجتهاد, дар луғат ба маънои ҷаҳди тоқатфарсо, ба кор бастани ниҳояти кӯшиш ва ё кӯшиши ҳамроҳ бо машаққат ва сахтӣ барои анҷом додани коре ва дар истилоҳи фуқаҳо истинбот ё ба кор бастани ниҳояти кӯшиш (базлу-л-ҷуҳд ё истифроғу-л-вусъ) барои истинботи аҳкоми шаръӣ аз адилла – сарчашмаҳои фиққӣ (каломи Худо, суннати расули Худо (с) ва иҷмоъ)[1] бо шароите аст, ки барои он (иҷтиҳод) дар китобҳои усули фиқҳ дар назар гирифта шудааст ва маъмулан ба маънои истинботи аҳкоми шаръӣ аз Китоб, Суннат, иҷмоъ ва қиёс, муқобили тақлид.[2] Фақеҳи дорои шароити иҷтиҳодиро, ки ба истинботи аҳкоми шаръӣ мепардозад, муҷтаҳид гӯянд.

Гарчи решаҳои таърихии иҷтиҳод ба асри паёмбари акрам (с) ва давраи саҳобаи киром бармегарданд, вале истинботи аҳкоми шаръӣ ба маънои мутадовили он ҳамроҳ бо ҳаракати

---

[1] Баъзе усулиён қиёсро низ, ки яке аз сарчашмаҳои фиққии шаръ ба шумор меравад, дар ин ҷо зикр кардаанд ва баъзе аз фақеҳон онро аз ҷумлаи васоил ва яке аз абзорҳои илмии истинботи аҳком, яъне василаи иҷтиҳод донистаанд, на сарчашмаи он.

[2] Дар таърифи истилоҳии иҷтиҳод таъбироти гуногуне аз сӯи фуқаҳо ва усулиён ба кор рафтааст, ки ба гуфтаи мураттибони Мавсӯаи фиқҳӣ, дақиқтарини онҳо таърифи соҳиби китоби «Мусалламу-с-субут» дар илми усул аст, он ҷо ки мефармояд:Иҷтиҳод ба кор бурдани фақеҳ ниҳояти тобу тавони худро барои ба даст овардани ҳукми шаръии занние аст (ал-Мавсӯату-л-фиққийятул-кувайтийя. – Ҷ. 1. – С. 19; Абдулалӣ, Муҳаммад ибни Низомуддин Муҳаммади Саҳолавии Ансории Лакҳнавӣ. Фавотеҳу-р-раҳмут, шарҳу Мусаллами-с-субут аз Муҳиббуллоҳ ибни Абдушшакури Биҳорӣ. – Ҷ. 2. – С. 404–405. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2002).

Ба гуфта муаллифи китоби «ал-Иҷтиҳоду фи-л-ислом», беҳтарини онҳо таърифи Ибни Ҳумом аст, зеро иҷтиҳод дар таърифи вай, кӯшиши дарёфти аҳкоми шаръиро дар ақлиёт ва нақлиёт дар бар мегирад, аҳкоми қатъӣ ва заннӣ ва низ иҷтиҳоди инфиродӣ ва дастҷамъӣ (гурӯҳӣ ва колективона) ҳар дуро шомил мегардад, он ҷо ки мефармояд: Иҷтиҳод ба кор бурдани фақеҳ ниҳояти кӯшишро барои дарёфти ҳукми шаръие аст, хоҳ он ақлӣ бошад ё нақлӣ ва хоҳ қатъӣ бошад ё заннӣ (Нодия Шариф ал-Умарӣ. ал-Иҷтиҳоду фи-л-ислом. – С. 25–28. – Бейрут: Муассасату-р-рисолат, 1985). Дар асли китоби Ибни Ҳумом ва шарҳҳои он таърифи иҷтиҳод ба мисли таърифи он дар «Фавотеҳу-р-раҳмут» ба нақл аз соҳиби «Мусалламу-с-субут» бо қайди «заннӣ» омадааст, вале гуфтаҳои Нодия Шариф дар шарҳи ибораҳои таъриф зикр шудаанд. Ибни Ҳумом пас аз зикри таърифи иҷтиҳод мефармояд: Ин таърифи навъе аз иҷтиҳод – иҷтиҳод дар аҳкоми шаръии заннӣ аст, на таърифи мутлақи иҷтиҳод, зеро корбурди назар ва истидлол дар ақлиёт низ иҷтиҳод аст, бо ин тафовут, ки мусиб (дарёбандаи савоб) дар он яке ва хатокарда гунаҳкор аст ва беҳтар таъмими он бо ҳазфи қайди заннӣ аст, зеро гоҳе дар аҳкоми қатъии шаръ миёни аслӣ ва фаръии онҳо низ иҷтиҳод сурат мегирад, мунтаҳо ин ки ҳақ дар он яке аст ва мухолифи он дар навъе аз иҷтиҳод мухтӣ (хатокарда) бошад (Камолуддин ибни Абдулвоҳид ибни Абдулҳамиди Сивосӣ маъруф ба Ибни Ҳумоми Ҳанафӣ. ат-Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ ал-ҷомеъ байна истилоҳайи-л-ҳанафияти ва-ш-шофеъия. – С. 523. – Миср (Қоҳира), 1351 ҳ.; Ибни Амир ал-Ҳоҷ ал-Ҳалабӣ. ат-Тақрир ва-т-таҳбир ала-т Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ. – Ҷ. 3. – С. 370. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1999; Муҳаммадамин маъруф ба Амирподшоҳи Бухороии Ҳанафӣ. Тайсиру-т-Таҳрир. – ҷузъи 4. – С. 179. – Миср (Қоҳира), 1351 ҳ.).

Уламои усул дар зимни баёни маънои иҷтиҳод ва муҷтаҳид ба ду нуктаи муҳимми дигар низ ишора кардаанд. Яке он ки мурод аз фақеҳ касе аст, ки дар қавоиди фиққӣ ва масоили аҳком малакаи илмие касб карда, ки бо ёрии он ба истинбот ва берун овардани аҳкоми шаръии заннӣ аз сарчашмаҳои фиққӣ қодир гардад (ва мурод аз фақеҳ ҳамон муҷтаҳид аст), на касе, ки фурӯъи фиққиеро ҳифз кардааст, чуноне ҳоло роиҷ аст, зеро кӯшиши вай барои ҳифзи аҳкоми шаръӣ, вақте бо малакаи илмии лозим барои истинботи аҳком ҳамроҳ набошад, иҷтиҳоди истилоҳӣ ба шумор намеравад. Дуюм, он ки иҷтиҳод ва кӯшиши фақеҳон дар истинботи аҳкоми заннии шаръ (аҳкоме, ки бо ғолиби гумон собит мешаванд) сурат мегирад, на дар аҳкоми қатъии шаръ, ба монанди ҳаром будани зино, шароб, ғасб ва ё рукнҳои чаҳоргонаи дин, яъне намоз, закот, рӯза ва ҳаҷ, зеро инҳо аз заруриёти дин ҳастанд ва субути онҳо ба ҳеҷ гуна иҷтиҳоде ниёз надорад (Фавотеҳу-р-раҳмут, шарҳу Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2. – С. 405).

фарогири илмие, ки аз авохири аҳди умавиён оғоз гардид, шакл гирифт ва вуҷуҳи тамоюзи шеваҳои иҷтиҳодӣ ва рӯйкарди мактабҳои фиқҳӣ ба таври равишманде намудор гаштанд. Ва навъи мутлақи иҷтиҳод, яъне иҷтиҳоди дар шаръ то авохири садаи чаҳоруми ҳичрӣ идома ёфт. Ин марҳала ба таври мушаххас даврaи таъсиси мазҳабҳои гуногуни фиқҳӣ ва тадвини дақиқ ва илмии манҳаҷҳо ва масоили онҳо ба шумор рафта, ҳаёт ва фаъолиятҳои илмии аиммаи бузург – поягузорони мазҳабҳои эътирофгаштаи фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом, аимма ва муҷтаҳидони мунтасиб (нисбатёфта) ба ин мазҳабҳо ва дигар муҷтаҳидони дар мазҳаб ва аҳли тарҷеҳ низ ба ҳамин давра мутааллиқ аст.[1]

Мазҳаби Довуди Зоҳирӣ ва Ибни Ҷарири Табарӣ аз ҷумлаи охирин мактабҳои фиқҳие будаанд, ки дар асри чаҳоруми ҳичрӣ пас аз чанд даҳа фаъолият ҳам пӯёии илмӣ ва ҳам густариши ҳавзаи нуфузашон мутаваққиф гардид. Пас аз он на аз миёни муҷтаҳидони аҳли ҳадис ва на аз байни фақеҳони киром касе амалан ба иҷтиҳод дар шаръ напардохта ва бо ҳамин авҷи нубуғи фиқҳӣ ва пӯёии фарҳанги қонунгузорӣ дар ислом ба поён расид. Пас аз чанде муҷтаҳидони мунтасиб, ки табақаи дуюмро пас аз муҷтаҳидони дар шаръ ва аввалро дар байни муҷтаҳидони дар мазҳаб ташкил медоданд, низ андак-андак дар байни фуқаҳои мазҳабҳои чаҳоргона рӯ ба костӣ ниҳоданд ва танҳо муҷтаҳидоне пас аз он ба миён омаданд, ки дар сатҳи поёнтаре аз онҳо қарор доштанд.

Ҳамзамон бо поён ёфтани аҳди муҷтаҳидони дар шаръ дар садаи чаҳоруми ҳичрӣ ё каме

[1] Дар асри аввали ҳичрӣ иҷтиҳод ба корбурди раъй ба маънои тааққул ва дарки дақиқи аҳком ва мафоҳими шаръӣ ва низ дарёфти ҳукми масоили тоза ба амаломада муртабит буд ба он иҷтиҳоду-р-раъй низ гуфта мешуд. Дар асри дуюми ҳичрӣ тадричан маънои раъй ва иҷтиҳод аз ҳам чудо гаштанд ва раъй то андозае ба маънои қиёс ва ба унвони абзор (васила)-и истидлол хос ва мушаххастар гардид ва иҷтиҳод ба маънои равиши низомманд барои тафсир ва истидлол дар масоили шаръ аз нусус ва сарчашмаҳои аввали он шинохта шуд. Бо густариши илми усули фиқҳ дар асрҳои 3-4 ҳичрӣ маъно ва ҳавзаи иҷтиҳод ба таври ниҳоӣ муушаххас гардид ва иҷтиҳод дигар бар ҳадди аксари кӯшиши зеҳнӣ ва талоши илмии муҷтаҳид барои дастёбӣ ба ҳукми шаръӣ ё мавзӯи диние далолат мекард.

Дар ин давра барои таъйини дақиқтари доираи иҷтиҳод ва ҳавзаи кори муҷтаҳид масоили динӣ аз чиҳати риштаҳои илмӣ ба ду гурӯҳи: ақлӣ (эътиқодӣ) ва шаръӣ (фиқҳӣ ва амалӣ) чудо ва мавзӯъбандӣ шуданд. Масоили ақлӣ қисмати аъзами масоили ақоидро ташкил медод ва ба мавзӯъҳое аз қабили ҳудуси олам, бароҳини исботи ҳастӣ, сифот ва ваҳдонияти Худованд ва ғ. мепардохт. Аз он ҷо ки шавоҳиди исботкунандаи ин мавзӯот қатъӣ, раднопазир ва аз бадеҳиёти ақлӣ буданд, дар онҳо барои гумон (занн), ки ҳавзаи кори иҷтиҳод аст, ҷое вуҷуд надошт. Дар бахши масоили фиқҳӣ ҳам ҳарчи ба аркони ислом, заруриёти қатъии дин ва куллиёти аҳкоми амалӣ иртибот дошта, дар нусус ва сарчашмаҳои аввали шаръ – Китоб ва Суннат бо сароҳат баён гаштааст ва ҳар мавзӯъ ва масъалаи шаръие, ки дар нусус ва сарчашмаҳои шаръ нисбат ба он норавшанӣ ва ибҳоме боқӣ намонда бошад, машмули доираи кори иҷтиҳод қарор намегирад. Қаламрави иҷтиҳод шомили он мавридҳо ва масоиле, ки дар бораи онҳо иҷмоъ сурат гирифта буд, низ намегардад, зеро аҳкоми он масоил бо ҳуҷҷати шаръӣ – иҷмоъ собит шуда ва ба дараҷаи масоили қатъӣ (яқинӣ) дар шаръ расидаанд, ки дар онҳо низ ниёзе барои истидлол ва ибрози назари фиқҳӣ боқӣ намонда ва аз доираи масоили заннӣ, ки қаламрави кори иҷтиҳод аст, болотар рафтаанд. Бино бар ин, иҷтиҳод дар фиқҳи исломӣ ба ҳавзаи масоиле ихтисос меёбад, ки назари шаръ дар бораи онҳо то андозае норавшан ва дар ҳадди ғолиби гумон (занн) боқӣ монда, яъне бо насси сареҳ ва далели қатъие собит нашудаанд ва бо кӯшиши илмӣ ва талоши иҷтиҳодии фақеҳ бо истинод ба адиллаи шаръ ҳукми Худо дар онҳо кашф – равшан мегардад.

Заннӣ будани масоили қаламрави иҷтиҳод ошкоро нишон медиҳад, ки ҳосили ба дастомада аз он, ҳамон гуна ки метавонад савоб (саҳеҳ) ва муҷтаҳид дар дастёбӣ ба ҳукми дурусти шаръ муваффақ бошад, имкони хато буданро низ дорад ва ин фароянди эҳтимолии иҷтиҳод дар усули фиқҳи аҳли сунат амре пазируфташуда аст. Гарчи дастёбӣ ба савоб дар иҷтиҳод амре матлуб ва қобили ситоиш аст, вале аз назари уламои усул нафси ин кӯшиш таклифи шаръӣ аст, на муваффақият дар он. Аз ин рӯ, пардохтан ба иҷтиҳод барои касоне, ки дорои шароити лозим барои он ҳастанд, воҷиб (фарз) аст ва муҷтаҳиде, ки дар анҷоми он кӯтоҳӣ кунад, гунаҳгор мегардад. Кӯшиши фақеҳ барои дарёфти аҳкоми фиқҳӣ таклифи шаръӣ аст, гарчи аҳёнан дар иҷтиҳоди худ ба дарёфти савоб ва назари дурусти шаръ муваффақ нагашта бошад. Аксарияти қариб ба иттифоқи уламо, бо истинод ба ҳадисе аз расули Худо (с), ба ин ақидаанд, ки ҳамаи кӯшишҳои иҷтиҳодие, ки аз муҷтаҳид анҷом мегиранд, аз ҷониби Худованд маъҷур ҳастанд ва касоне аз онҳо, ки ба савоб – кашфи ҳукм (назар)-и дурусти шаръ дар иҷтиҳоди худ муваффақ гашта бошанд, барояшон подоши музоаф ва ду аҷр ваъда шуда ва барои онҳое, ки дар масъале ба савоб даст наёфтаанд, ба хотири кӯшишашон як аҷр дар назар гирифта шудааст. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Вақте ҳоким ҳукм ва иҷтиҳод кунад, он гоҳ (дар он) ба савоб даст ёбад, барояш ду аҷр аст ва вақте ҳукм ва иҷтиҳод кунад, он гоҳ (дар он) хато кунад, барояш як аҷр аст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 7352; Саҳеҳи Муслим, 4462 (1716)-15).

пасонтар, ба ҷуз чаҳор мактаби фиқҳӣ, мазҳабҳои дигари аҳли суннат, ки шумори онҳо ба 14 мазҳаби мустақил мерасид, рӯ ба инқироз ниҳоданд.[1] Пайравони онҳо дар яке аз мактабҳои чаҳоргона завб (об) ва идғом гаштанд ва осори фиқҳӣ ва фарҳангии эшон низ қисман аз байн рафтанд ва қисматҳое аз онҳо дар байни сатрҳо ва таълифоти мазҳабҳои побарҷо ҳифз шудаанд ва он чи аз онҳо боқӣ монда, ҳанӯз дар осорхонаҳо ва бойгониҳои осори хаттӣ нигаҳдорӣ мешаванд.

Гарчи ҳанӯз иҷтиҳодоти дарунмазҳабӣ бо шӯру пӯёӣ ҳанӯз идома дошт, вале асри чаҳоруми ҳиҷрӣ сарфасли таъйинкунандае дар таърихи қонунгузории исломӣ аст, зеро поёни асри иҷтиҳод дар шаръ оғози аҳди тақлид аз мазҳаб ба шумор меравад ва бо таваққуфи сайри иҷтиҳод дар шаръ нубуғи зеҳнӣ ва пӯёии фиқҳӣ ба сатҳи поёнтаре интиқол ёфта ва ибтикорофаринӣ ё иҷтиҳод танҳо дар дохили мазҳаб ва бо тақлид аз қавоид ва усули он сурат мегирифт.[2]

Ин фароянди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайри нузулии ҳаракати қонунгузорӣ дар таърихи фиқҳи исломӣ ниҳоятан дар асри 6-8-уми ҳиҷрӣ аксари фақеҳони аҳли суннатро ба эътироф ба ин воқеият водошт, ки дигар иҷтиҳод дар шаръ ва то андозае дар сатҳи муҷтаҳидони мунтасиб дар тамоми ҳавзаҳои фиқҳии ҷаҳони ислом амалан имкон надорад ва ин ба маънои баста шудани дари иҷтиҳод аст. Ба ин маъно ки дигар фақеҳ ва шахсияти илмие, ки тамоми шароити лозим барои иҷтиҳод дар вай фароҳам омада ва бо муморасаи пайвастаи онҳо малакаи илмӣ ва қудрати бузурге барои истинботи аҳкоми шаръӣ касб карда бошад, амалан вуҷуд надорад.[3] Ин эътирофи фақеҳон

[1] Танҳо барои чаҳор мазҳаби фиқҳии аҳли суннат тадовум ва бақо навишта шуд ва мазҳабҳои дигари он пас даргузашти поягузонашон андак-андак мунакриз гаштанд. Бисёре аз муҳаққиқон, муҳимтарин омили инқирози он мактабҳоро набудани насле аз шогирдони дорои ҳиммати баланди илмӣ ва нухбаи фиқҳие донистаанд, ки ба ҳифз ва нашри дониши фиқҳии он мактабҳо пардозанд ва осори гаронмояи ҳуқуқии асҳоби онҳоро гирдоварӣ ва ба сурати мустақил тадвин намоянд. Баъзе аз ин мактабҳо, ба монанди ҳавзаи фиқҳии Ҳасани Басрӣ дар Ироқ, имом Авзоъӣ дар Шом ва Лайс ибни Саъд дар Миср, аз назари илмӣ ниҳоят қавӣ ва дорои захоири азими фиқҳӣ будаанд. Ба гуфтаи имом Шофеъӣ (рҳ), Лайс ибни Саъд аз имом Молик фақеҳтар буд, вале асҳоб – пайравонаш (мазҳаби) вайро барпо (нигоҳ) надоштанд ва дар ривояти дигаре: Лайс ба асар аз Молик тобеътар буд. Ибни Букайр низ мефармояд: Лайс аз Молик фақеҳтар аст, лекин муваффақият ва баҳра насиби Молик гардид (Ҷамолуддин, Абулҳаҷҷоҷ Юсуф, маъруф ба Миззӣ, Таҳзибу-л-камол фӣ асмои-р-риҷол (таҳқиқи Башшор Авводи Маъруф). – Ҷ. 6. – С. 187 (5605). – Димишқ: Муассасату-р-рисолат, 2010; Алӣ ибни Аҳмад ибни Шиҳобуддин маъруф ба Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Таҳзибу-т-таҳзиб (ба эҳтимоми Иброҳим аз-Зийбақ ва Одил Муршид). – Ҷ. 3. – С. 483. – Димишқ: Муассасату-р-рисолат, 2011). Вале иноёти бепоёни Парвардигор ба пешвоён ва асҳоби мазоҳиби чаҳоргона, тақдири (Худованди) Азизу Ҳаким ва тадбири азалии Ӯ бар он рафта, ки аз он миён танҳо ҳамин чаҳор мазҳаб боқӣ монанд.

[2] Ба ақидаи бисёре аз муҳаққиқон, фароянди иҷтиҳод дар дохили мазҳаб ва маъмул (муқаррар) гаштани амали мусулмонон бар асоси яке аз мазҳабҳои чаҳоргона хубиҳо ва фавоиди зиёдеро низ ба ҳамроҳ дошта ва он муносиб бо раванди рӯ ба нузули маърифати динии мардум сурат гирифтааст. Яке аз осори мусбати он ҳифзи ваҳдати фикрӣ ва иҷтимоии миллатҳои мусулмон ва таъмини фазои яксони фарҳангӣ ва амалӣ барои ақвом ва сарзаминҳои ҳамҷавор аст, дигаре осон гаштани кори қозиёни шаръ дар маҳкамаҳо аст, зеро дар давраҳои мутааххир тақрибан аксари кормандони ин додгоҳҳо фақеҳ ва коршиноси соҳаи аҳком набуданд, то бо иҷтиҳоди худ аҳкоме содир намоянд. Пас аҳкоми қазоиро бар асоси қавонини тадвиншуда дар фиқҳи ин мазҳабҳо метавонанд ба осонӣ ба роҳ монанд.

[3] Авзоъи нобасомони фикрӣ ва иҷтимоии он рӯзгор, аз қабили кӯтоҳ омадани ҳимматҳо, аз байн рафтан (зоеъ шудан)-и зиммаҳо, тасаллути ҳокимони худкома ва бими ба дасти ноаҳлон афтодани иҷтиҳод низ он андеша (баста шудани дари иҷтиҳод)-ро ба гунае таъйид мекард, зеро вақте кори иҷтиҳод ва фатво ба дасти ноаҳлон мерасид, онҳо бар Худо дурӯғ баста, аз пеши худ ва аз рӯи тамаллуқ барои ҷалби ризояти ҳокимон бе ҳеҷ далели муваҷҷаҳи шаръӣ инро ҳалолу онро ҳаром ҳукм мекарданд, ҳамон гуна ки имрӯз низ дар ҷавомеи исломӣ фатвоҳо ва ақволе ба ин сурат аз ин ҷову он ҷо шунида мешавад.

Аз сӯи дигар, мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат дар оғози асри чаҳоруми ҳиҷрӣ аз ҷиҳати илмӣ чунон густариш ёфта буданд, ки тақрибан тамоми мабоҳиси муҳим дар бобҳои гуногуни масоили шаръӣ дар он мавзӯъбандӣ ва ба гунае зикр гардида буданд, ҷузъинигарӣ ва тафреъи масоил дар низоми қазоӣ сабаби чунон сабот ва пойдорие дар фиқҳ гардида буд, ки заминаҳои тадовум ва мӯҷиботи истимрори онро, то замони барҳӯрди ҷаҳони ислом бо фарҳанги ғарбӣ дар давраи пеш ва пас аз Ренессанси кишварҳои аврупоӣ фароҳам оварда буд. Ин саботи фиқҳӣ ба маънои тадовуми пайвастаи суннати фиқҳӣ дар ҷомеа буд, ки хутути куллии шаръро дар ҳавзаи қонунгузорӣ, он гуна ки фақеҳони нахустин тарҳрезӣ карда буданд, мепазируфт. Дар натиҷаи пойбандӣ ва дастрасӣ ба чунин

асосан назари ҷомеашиносӣ ва намудори набзи фарҳангӣ-илмии неруҳои зеҳнии фаъоли он рӯзгор аст, ки аз таҳлили вазъи фарҳанги иҷтимоӣ ва арзёбии зарфиятҳои илмии фуқаҳо ва донишмандон ба даст омадааст, на ҳукм ва насси раднопазири шаръӣ.[1]

Аксари далоили матлубияти илм бар истеҳ-

фиқҳи босаботе, ки тайи қарнҳои мутамодӣ басту тафсил ёфта буд, ногузир ҳита (домана ва ҳудуд)-и кори иҷтиҳод маҳдудтар гардид (Доиратулмаорифи ҷаҳони навини ислом (зери таҳрири Ҷон. Л. Испозито) [Esposito. John L. The Oxford Encyclopedia of the Modern Islamic World. 1955], тарҷимаи форсӣ бо таҳқиқ ва зери назари Ҳасани Торимӣ ва ҳамкоронаш. – Ҷ. 1. Зайли моддаи «иҷтиҳод».

Ба гуфтаи Ибни Амирҳоҷ ва Ибни Обидин, эҷоди низоми нави фиқҳӣ ва системаи иҷ-тиҳоди (мазҳаб)-е, ки шомили усул ва фурӯи фиқҳӣ ва аз тамоми қавоид (мазҳаб)-и мута¬қаддимин тафовут дошта бошад, мутааззирулвуҷуд аст, зеро муҷтаҳидони пешин бо сарфи ниҳояти талош ва истифода аз услуб (метод)-ҳои мавҷуд, тамоми роҳиҳалҳои эҳтимолиро фаро гирифта (ва ҳеҷ ниёз ё ҷое барои мактаби нави фиқҳӣ боқӣ нагузошта¬анд) (Муҳаммадамин маҳшур ба Ибни Обидин. Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Ҷ. 1. – С. 30. – Кувета, бе зикри соли чоп).

[1] Баста шудани дари иҷтиҳод ба маънои амалан вуҷуд надоштани фақеҳ ва шахсияте аст, ки бо доштани шароити лозим барои он ба истинботи аҳкоми шаръӣ пардозад, на ба маънои ин ки он бо насси шаръӣ баста шуда ва иҷтиҳоди ҳеҷ касе пас аз он шаръан пазируфта нест. Ҳеҷ гуна далел ё ишорае дар нусуси шаръ вуҷуд надорад, ки дар онҳо ба чунин амре ҳукм ва ё ҳатто ишора шуда бошад, балки баръакс, дар омӯзаҳои шаръ ҳамвора ба касби илм ва пешрафт дар роҳи таолии фарҳангӣ ва илмии уммати ислом тавсия шудааст. Илова бар ин, раванди таҷаддуд ва навшавии мазоҳир ва ҳаводиси рӯзгор аз муҳимтарин хусусиёти ҳаёти башар аст ва ин амр ҳатман зуҳури масоили тозаеро ба ҳамроҳ дорад ва аз фақеҳони ислом хоста шуда, ки ба коркард ва ибрози назари шаръ дар бораи онҳо пардозанд. Андешаи баста шудани дари иҷтиҳод ба маънои шаръан мамнӯъ ё ҳаром будани он ба моҳияти нусуси шаръ ва фалсафаи шумулият (фарогирандагӣ)-и усул ва куллиёти ислом ва бардавоми (бақо ва ҷовидонаги)-и дини илоҳӣ аслан ҳамсозие надорад (ал-Мавсӯату-л-исломияту-л-омма (зери назари вазири авқоф ва раиси Маҷлиси Аъло дар шууни исломӣ Маҳмуд Ҳамдӣ Зақзуқ), зайли моддаи «ал-Иҷтиҳод». – С. 45–47. – Қоҳира: Визорату-л-авқофи ва-л-маҷлиси-л-аъло ли-ш-шууни-л-исломия, 2001).

Илова бар ин, дар фарҳанги қонунгузории ислом истинбот ва коркарди аҳкоми шаръӣ аҳаммияти зиёде дорад ва илми усули фиқҳ ба шакли методология ва дақиқан бо мақсади дартрасӣ ба қавоид ва усули куллие поягузорӣ шуда, ки Худованд муқаррар фармудааст. Ҳадафи нахустини таъсиси илми усули фиқҳ ба вуҷуд овардани низом (система)-и равишманди илмие аст, ки муҷтаҳид ба василаи он ба истинбот ва берун овардани аҳкоми шаръ дар масоили навпайдо қодир гардад. Фақеҳони усулӣ аз асри сеюми ҳиҷрӣ таъсис ва дастрасӣ ба чунин низомеро дар соҳаи усули фиқҳ ғояи хеш қарор дода ва ин илм ва низоми иҷтиҳодӣ пас аз таъсис аз сӯи тамоми мақомоти салоҳиятдори динӣ ва муҷтаҳидони мактабҳои фиқҳии аҳли суннат мавриди таъйид қарор гирифт. Фаразан агар дари иҷтиҳод баста мешуд ва дигар ниёзе ба он боқӣ наменомонд, пас ба таъсиси ин системаи истинботи аҳком ва низоми илмӣ барои танзими ҳаракати иҷтиҳодӣ чӣ ниёзе буд!? Гузашта аз ин, бо иттифоқи назари тамоми фақеҳон ва усулиён иҷтиҳод барои ҳамеша бар уммати ислом фарзи кифоя аст ва муҳол аст, ки барои ҷомеаи исломӣ ба зарурати вуҷуд ва адои ин фарзи кифоя дигар ниёзе намонда бошад, гарчи назди усулиёни ҳанафӣ холӣ мондани замон аз муҷтаҳид ақлан имкон дорад, зеро дар ҳадиси бардошта шудани илм аз байни мардум омада: ***«... то он ки вақте олиме боқӣ намонд, мардум роҳбарони ҷоҳиле барои худ баргиранд. Пас бар беилмӣ фатво диҳанд ва (ҳам худ) гумроҳ шаванд ва (ҳам дигаронро) гумроҳ созанд»***, бар ҷавози он далолат дорад (ат-Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ ал-ҷомеъ байна истилоҳайи-л-ҳанафияти ва-ш-шофеъия. – С. 546–547; Ибни Амир ал-Ҳоҷ ал-Ҳалабӣ, ат-Такрир ва-т-таҳбир ала-т Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ. – Ҷ. 3. – С. 431).

Пас аз як давра мубоҳисоти усулӣ, табодул ва тасодуми андешаҳо дар бораи баста шудан ё боз будани дари иҷтиҳод, ки ба муддати бештар аз ду қарн идома дошт, саранҷом, дар асри 8-уми ҳиҷрӣ аз сӯи аксари фақеҳон иттифоқи назар ҳосил шуд, ки шароит ва имконоти мавҷуд дар фақеҳон барои иҷтиҳоди мутлақ дар шаръ нокофӣ ва амалан касе, ки тавоноии онро дошта бошад, дигар вуҷуд надорад. Ҳамзамон андешаи баста шудани дари иҷтиҳод дар тамоми сатҳҳо ва назарияи тақлиди уламо аз яке аз мазҳабҳои роиҷи аҳли суннат, ба маънои даст назадан ба ҳеҷ гуна иҷтиҳод ва таҳқиқе дар дохили мазҳаб низ фазои фарҳангӣ ва маърифатӣ-динии баъзе доираҳои фиқҳиро зери таъсир қарор дода ва фақеҳоне мутааллиқ ба ин давра ин назари ҷомеашиносӣ, арзёбии имконоти фарҳангӣ-илмӣ ва эътирофи уламои пешинро ба маънои ҳукм ба мамнӯияти комили иҷтиҳод аз сӯи шаръ фаҳмида, ба ҳар гуна ибтикори фикрӣ ва сухани тозае дар абвоби фиқҳӣ мухолифат мекарданд ва дар радди чунин андешаҳое ба таассуби мазҳабӣ рӯй меоварданд. Дар муқобил, он даста аз муҳаққиқон ва донишмандони исломие, ки ба ин назар комилан мухолиф ва баста шудани дари иҷтиҳодро ба маънои шаръан мамнӯъ будани он аслан қабул надоштанд ё онро маҳдуд ба

боб ва мандубияти иҷтиҳод далолат доранд, вале аз он ҷо ки амал ба аҳкоми шаръ фарзи айн ва барои эҳтиёт дар анҷоми онҳо назар ва ҳукми дақиқи шаръ лозим аст, иҷтиҳод бар уммат дар умум фарзи кифоя аст, зеро лозим аст дар байни мусулмонон фақеҳон ва муҷтаҳидоне вуҷуд дошта бошанд, ки аҳкоми шаръро дар масоили тоза ба миёномада, барои онҳо истихроҷ ва шаръан коркард намоянд. Аммо бар муҷтаҳиде, ки аз ҳукми масъала ё ҳодисае пурсида шавад ва бими фавти он бе вақҳи шаръӣ вуҷуд дошта бошад ё чунин ҳодисае барои худ

навъи иҷтиҳоди мутлақ медонистанд, ба ибрози эродҳо ва навиштани раддияҳое бар зидди афкори онҳо пардохтаанд.

Бо ин ҳол, дар замони соид будани назари баста шудани дари иҷтиҳод ба маънои шаръан мамнӯъ будани он фақеҳон ва муҷтаҳидоне низ ёфт шудаанд, ки каму-беш ба андешаи мамнӯияти иҷтиҳод мухолифат кардаанд ва дар айни ҳоле, ки яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат пайравӣ мекарданд, аҳёнан ба иҷтиҳод дар баъзе масоил ва додани фатвоҳои мустақилле даст задаанд. Ибрози назарҳои фиқҳии онҳо аслан аз тарҷеҳи далеле ё тахричи аҳкоме аз сарчашмаҳои аввали шаръ иборат буда, вале бар асоси қавоиди иҷтиҳодӣ ва усули мазҳаби яке аз аиммаи чаҳоргона сурат гирифтаанд. Иҷтиҳодот ё ибрози назарҳои фиқҳии онҳо ба таври куллӣ дар шаръ ва бо қавоиди хоссе аз таъсиси онҳо сурат нагирифта ва низ дар ҳаҷме набуда, ки бо номи мазҳаби мустақил шинохта шаванд. Бинобар ин, талошҳои иҷтиҳодии эшон амалан барои падид овардани фазои наве аз пӯёии фиқҳӣ ва кушодани комили дари иҷтиҳод таъсири малҳуз (чашмрас)-е надоштаанд.

Фақеҳоне чун имом Ғазолӣ (450 ҳ./1058 м. – Тобарони Тус, 505 ҳ./1111 м. – ҳамонҷо), Иззуддин ибни Абдуссалом (577 ҳ./1181 м. – Димишқ, 660 ҳ./1262 м. – Қоҳира) ва Суютӣ (849 ҳ./1445 м. – Асуюти Миср, 911 ҳ./1505 м. – Қоҳира) аз шофеъиён, Ибни Таймия (661 ҳ./1263 м. – Ҳаррон, 728 ҳ./1328 м. – Димишқ) аз ҳанбалиён, Шавконӣ (1173 ҳ./1760 м. – Ҳаҷраи Шавкон, Яман, 1250 ҳ./1834 м. – Санъо) аз уламои зайдӣ, ки баъдан мазҳаби зайдиро тарк ва ба иҷтиҳод бар асоси ривоятҳои аҳли суннат пардохт ва Шотибӣ (Шотиба, шарқи Ғарнота, Андалус, ваф. 790 ҳ./1388 м.) аз моликиён ро метавон аз силсилаи муҷтаҳидон ё фақеҳони мустақил дар иҷтиҳод ва коркарди баъзе масоили фиқҳӣ донист. Дар «ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия» соҳиби «Фатҳулқадир» Ибни Ҳумоми Ҳанафиро низ дар шумори муҷтаҳидоне оварда, ки иҷтиҳодоти арзандае (бар асоси қавоиди мазҳаби ҳанафӣ) доштаанд (ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя. – Ҷ. 1. – С. 42).

Баъзе донишмандони муосири ҷаҳони ислом бо мушоҳидаи таҳаввулоти сареъ ва пешрафтҳои чашмгири дониши башарӣ дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, фатҳи комили дари иҷтиҳод ва истинботи бевоситаи аҳкомро аз адиллаи шаръ танҳо роҳи пешрафти ҷомеаи исломӣ ва ҳалли мушкилоти зиёди он медонанд. Дар даҳҳаҳои ахир баъзе маҷомеи фиқҳӣ ва андешамандони исломӣ назарияи иҷтиҳоди дастҷамъӣ ё «шӯрои ифто»-ро низ пешниҳод кардаанд. Ин тарҳ, ки реша дар нусуси шаръ ва таърихи садри ислом дорад, метавонад то ҳадди зиёде костиҳои иҷтиҳоди инфиродиро дар ин замон ҷуброн намояд.

Гарчи пас аз асри 4-уми ҳиҷрӣ дигар муҷтаҳидони мутлақ, ки бо поярезии усул ва қавоиди истинбот ба таъсиси мактаби нави фиқҳие пардозанд, амалан ба миён наёмада ва тақрибан тамоми фуқаҳои мазоҳиби чаҳоргона ба мушкил будани зуҳури чунин абармардони илмӣ ва нобиғагони фиқҳӣ иттифоқи назар доранд, вале шавоҳиди таърихӣ нишон медиҳанд, ки суннати иҷтиҳод дар тӯли таърихи фиқҳи исломӣ ҳамчунон идома ёфтааст, гарчи он ба сабаби камол ва саботе, ки низоми фиқҳӣ ба он расида буд, дар сатҳҳои поёнтар ва дар миқёси маҳдудтаре анҷом ёфтааст. Он дар ин давра умдатан дар зимни қавоиди яке аз мазҳабҳои фиқҳӣ ва истинботи аҳкоми шаръӣ ба сурати тарҷеҳ, тахриҷ, назар дар нусуси шаръӣ ва истидлол аз адилла – сарчашмаҳои аввали шаръ сурат гирифта ва заминаи пешрафти пайвастаи фиқҳ, усули фиқҳ ва низоми қазоиро дар ислом дар ин муддат таъмин намудааст. Мутолиаи китобҳои табақот ва зиндагиномаҳои илмии фақеҳони даврaҳои гуногуни мазҳабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ ин воқеиятро ба андозае равшан месозад, ки дигар ҷое барои тардид дар он боқӣ намемонад.

Фиқҳи исломӣ ва низоми иҷтиҳод дар он тавоноии ҳалли муносиб ва ибрози назари матини ҳуқуқӣ дар тамоми масоилеро, ки тоза ба миён меоянд, дорад ва фақеҳони мухлис ва тавонои он ҳатто дар давраи соид будани андешаи баста шудани дари иҷтиҳод низ аз уҳдаи масъулияти динии худ дар корбасти иҷтиҳод ба хубӣ баромадаанд. Авзоъи нобасомони ҳуқуқӣ ва шароити ногувори мусулмонон маълули нотавонии фақеҳони ислом дар пешниҳоди посухҳои муносиб ба ниёзҳо ва масоили мубрами ҷомеа нест, зеро ҳаракати низоми иҷтиҳод ва фаъолияти қонунгузорӣ дар ҷавомеи исломӣ, ҳам ба сурати назарӣ ва ҳам дар ҳавзаи амал бевақфа идома дошта ва ҳаҷми азиме аз фатвоҳо ва аҳкоми шаръӣ, ки пас аз асри 4-уми ҳиҷрӣ ба вуҷуд омада ва то ҳол мунқатеъ нагаштаанд, мисоли гӯёе аз пӯёӣ ва истимрори борварии низоми иҷтиҳод дар фиқҳи исломӣ аст.

Ин маҳдуд шудани доираи кори иҷтиҳод ва истидлоли пӯё ва халлоқи фиқҳӣ дар асри 6-уми ҳиҷрӣ замина ва боиси табақабандиҳои мухталифи осори фиқҳӣ ва табақоти фақеҳони мазоҳиби фиқҳии аҳли суннат гардид, ки дар он бар пояи арзиши илмӣ ва бар ҳасаби тавони иҷтиҳодӣ дараҷабандӣ шудаанд, чуноне ки дар баҳси «табақоти фақеҳон» ба он ишора кардем.

муҷтаҳид пеш ояд, иҷтиҳод дар ин ҳолат бар вай воҷиб (фарз)-и айн мегардад. Пас ба муқтазои ин таклифи шаръ ва бино ба фармудаи Худованд дар ояти 122-юми сураи Тавба, бояд гурӯҳе аз мусулмонон дар талаби илм ва касби дараҷаи иҷтиҳод бикӯшанд ва вақте ин мақом барои чанд нафаре ба ҳадди кифоя барои посух ба ниёзҳои рӯзмарра ва масоили тозаи мардум ҳосил шуд, аз зиммаи дигарон соқит мегардад ва онҳо пас аз он мухайяранд, ки ба касби мақоми иҷтиҳод бипардозанд ё аз мазҳаб ва ақволи муҷтаҳиде тақлид намоянд. Иҷтиҳоде, ки дар муқобили далели қатъӣ аз нусуси Китоб ва Суннат ё иҷмоъ воқеъ шавад, он бо иттифоқи тамоми фуқаҳо ҳаром аст.[1]

Аксари усулиён ба ҷавози таҷаззи (ҷузъ-ҷузъ ва бахш-бахш будан)-и иҷтиҳод ақида доранд ва он ба ин маъност, ки пас аз фароҳам омадани шароити иҷтиҳод[2] барои фақеҳе иҳотаи тамоми аҳкоми фиқҳӣ ва ҷузъиёти масоили шаръ барои ҷавоз ва дурустии иҷтиҳоди вай шарт нест, зеро иҳотаи он ҳама барои касе муяссар нест ва ҳатто муҷтаҳидони мутлақ низ дар масоиле таваққуф кардаанд, балки ҷоиз аст дар бахше аз аҳкоми фиқҳӣ, ба монанди фиқҳи хонавода, фиқҳи муомилот, илми фароиз ва ғ. ва ҳатто дар мавзӯъ ва масъалаи хоссе, вақте ба ҷузъиёти он иҳотаи комил дошта бошад, ба иҷтиҳод пардозад.[3]

ТАҚЛИД

Тақлид ар. تقليد, дар луғат ба маънои таълиқ (овехтан)-и қилода – гарданбанд ё чизе ба гардани касе ё чизе, таҳаммул – ба дӯш (гардан, зимма) гирифтан, лузум, аз пайи касе рафтан, садо ва ҳаракоти касеро ба мисли ӯ анҷом додан ва дар истилоҳи уламои усул ба маънои ахз (дарёфт), қабул, илтизом ва амал кардан ба фатво ва қавли фақеҳ (муҷтаҳид)-е дар масъалаи шаръие ба ғайр (бе талаб ва ҷустуҷӯ)-и ҳуҷҷат[4] ё пайравӣ кардан аз назароти шаръии мазҳаби фиқҳие аст, муқобили иҷтиҳод, ба монанди тақлиди оммӣ аз муҷтаҳид ва тақлиди оммаи мусулмонон аз мазҳабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ.[5]

---

[1] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 1. – С. 318; Фавотеҳу-р-раҳмут. шарҳу Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2. – С. 405-406; ат-Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ ал-ҷомеъ байна истилоҳайи-л-ҳанафияти ва-ш-шофеъия. – С. 523–524; Тайсиру-т-Таҳрир. – ҷузъи 4. – С. 179.

Шоёни зикр аст, ки ин гуфтаи усулиён ба замони мавҷудияти фақеҳони муҷтаҳид тааллуқ дорад.

[2] Муҷтаҳиди мутлақ ё дар шаръ бояд аз фарҳанги ислом, моҳияти қонунгузорӣ ва мақсадҳо ё ҳадафҳои шаръ комилан огаҳӣ ва ба оёт ва аҳодиси аҳком ба таври хос ва аз тамоми ҷавониб ба андозае иҳота дошта бошад, ки дар тамоми масоили фиқҳӣ назаре дода тавонад, магар дар мавридҳои нодире, ки далел ё сурати масъала аз зеҳнаш берун монда ё далели он аз ёдаш рафта ва ё дар бораи он бо сабабҳое ба назари фиқҳие даст наёфта ва аз изҳори назар ва фатво дар он таваққуф намудааст. Илова бар ин, маҷмӯи шароити илмӣ, амалӣ ва диёнатиеро, ки барои муҷтаҳиди комил зарурат доранд ва дар китобҳои усул ба тафсил зикр шудаанд низ, доро бошад.

Ба ақидаи аксари донишмандони улуми қуръонӣ ва усули фиқҳ ҳудуди панҷсад ояти Қуръон бевосита барои бинои асоси қонунгузории шаръ ва баёни усули куллии тамоми аҳкоми фиқҳӣ ва масоили динӣ омадаанд, аммо оятҳое, ки ба таври зимнӣ аз онҳо аҳкоме истинбот карда шавад, хеле зиёд ва бештар аз ду ҳазор оятро ташкил медиҳанд. Аҳодисе, ки аз расули Худо (с) аслан ва бевосита дар баёни тафсилоти аҳком собит шудаанд ва ба аҳодиси аҳком машҳуранд, ҳудуди ду ҳазор ҳадисро ташкил медиҳанд ва аҳодисе, ки ба таври зимнӣ аз онҳо аҳкоме истинбот карда шавад, ба ҳудуди чаҳор ҳазор ҳадис ё бештар аз он мерасанд. Лутфан, барои огоҳии бештар дар ин бора ба муқаддимаи «Тафсири навини Қуръони карим» муроҷиат намоед!.

[3] Фавотеҳу-р-раҳмут, шарҳу Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2. – С. 405-406; ат-Таҳрир фӣ усули-л-фиқҳ ал-ҷомеъ байна истилоҳайи-л-ҳанафияти ва-ш-шофеъия. – С. 524; Тайсиру-т-Таҳрир. – ҷузъи 4. – С. 182.

[4] Муроди усулиён аз қайди «ба ғайри ҳуҷҷат» дар таърифи тақлид амал кардан ба қавли муҷтаҳид дар масъалаи шаръие бе ҷустуҷӯи ҳуҷҷат ва далели он аз сарчашмаҳои чаҳоргонаи шаръ аст, вагарна қавл ва фатвои муҷтаҳид дар он масъала худ барои муқаллид ҳуҷҷат аст, зеро онро аз яке аз адиллаи шаръ истинбот кардааст.

[5] Дар таърифи маънои истилоҳии тақлид таъбирҳои гуногуне аз сӯи уламои усул корбурд шуда, ки дар умум ҳама нозир бар як таърифи ҷомеъ ва монеъ аз он ҳастанд ва ин маъноро мерасонанд, ки тақлид иборат аст аз қабул, пойбандӣ ва амали шахси мукаллаф ба фатво, назар ва мазҳаби касе дар масъала ё масоили шаръӣ, ки қавли вай бизотиҳи (худ ба худ) ҳуҷҷат ба шумор намеравад. Аз қайдҳое, ки дар таърифи истилоҳии тақлид зикр шуда, бармеояд, ки шахси ба син ва шароити таклиф нарасида, ҳанӯз муқаллид – аҳли тақлид ба шумор намеравад, ҳукми қозӣ вақте бар асоси шаҳодати шоҳидон дар бораи шахс ё ҳодисае содир мешавад, тақлид ба шумор намеравад, зеро вай дар ин ҷо ба қавли шоҳидон тақлид – эътиқод ва амал накардааст, балки бо кӯмак аз шаҳодати онҳо ҳукми қазоие содир кардааст. Бино ба қайди «касе, ки қавли вай бизотиҳи ҳуҷҷат ба шумор намеравад», ақволи паёмбар (с) низ тақлид ба шумор намераванд, балки он иттибоъ аст ва ақволи вай худ ҳуҷҷат ҳастанд. Осор ва ақволи саҳобаи киром низ вақте бо ривоят аз паёмбари

Гарчи пайравӣ аз аҳкоми шариъ ҳамзамон бо марҳалаҳои нахустини зуҳури ислом вуҷуд дошта ва мардум барои дарёфти масоили фиқҳӣ ба расули акрам (с) дар замони ҳаёташ ва ба бузургон ва фуқаҳои саҳоба дар давраи хулафои рошидин ва пас аз он руҷӯъ мекарданд, вале маънои истилоҳии вожаи «тақлид» дақиқан дар давраи пайдоиши мазоҳиби фиқҳӣ шакл гирифт ва бо таъсиси илми усули фиқҳ мафҳуми истилоҳӣ, доираи амал ва шаклҳои ҷавози он мушаххас гардид. Бинобар ин, пайравӣ аз расули Худо (с), дарёфти ҳукми шариъие аз сарчашмаҳои шариъ: Китоб, Суннат ва иҷмоъ ва рӯҷӯъ ба ақволи саҳоба иттибоъ – пайравӣ ва тобеият аз паёмбари акрам (с) ва дарёфти ҳукми шариъӣ аз адилла – сарчашмаҳои аввали он ба шумор мераванд, на тақлид ба маънои истилоҳиаш.

Бо вуҷуди тавсияҳои мукаррар ва услубҳои ташвиқие, ки барои касби илм дар омӯзаҳои шариъ вуҷуд доранд, ҷойгоҳи боазамате, ки аҳли илм ва соҳибхирадон дар пешгоҳи Худо доранд ва бо он ки донишу ҳикмат ва фақоҳат дар дин дар нусуси шариъ хайри фаровон номида шуда,[1] тақлид низ аҳаммияти бузург ва ҷоёгоҳи бас азиме дар дин, ба вижа дар усули фиқҳ доштааст, то ҷое, ки барои баёни моҳият ва аҳкоми он дар китобҳои усул боби махсусе боз шудааст. Тақлид ҳам аз назари ақлӣ ва ҳам аз нигоҳи шариъ ҷоиз ва дар мавридҳое бар табақоте аз мардум воҷиб аст. Зеро аз як сӯ, тавоноиҳои зеҳнӣ ва зарфиятҳои фитрии одамон мутафовит ҳастанд ва ҳар касе қудрати расидан ба дараҷаи иҷтиҳодро надорад ва аз сӯи дигар, гардиши чархи зиндагӣ ва рушди пайвастаи тамаддуни башарӣ тақозо мекунад, ки масъулиятҳои иҷтимоӣ, зербахшҳои муҳимми бинои ҳаёт ва донишҳои башарӣ ба таври мутавозин ва ҳамоҳанг пеш бурда шаванд ва ҳар қишре вазифаи худро дар ин сохтор анҷом диҳад. Агар фаразан ҳама аз пайи улуми шариъӣ ва касби малакаи иҷтиҳод раванд, дигар арсаҳои зиндагӣ муаттал гарданд, чархи тамаддун аз ҳаракат боз монад ва ҷомеаро ногузир бухрон ва сардаргумӣ (фавзо) фаро гирад. Бо назардошти ин нукта Қуръони карим гурӯҳе аз мардумро аз миёни ақшори мухталифи ҷомеа ба талаби илм ва фақоҳат дар дин ва гурӯҳеро ба пазируфтани инзор (огаҳӣ, насиҳат ва роҳнамои)-и онҳо амр кардааст, он ҷо ки мефармояд: **«Муъминонро набошад, ки ҳамагӣ берун шаванд. Пас чаро аз ҳар фирқае аз онҳо гурӯҳе хориҷ нагаштанд, то дар дин фақоҳат (дониши кофӣ) пайдо кунанд ва қавми худро, вақте ба сӯи онҳо бозгаштанд, бим (инзор) диҳанд!?».**[2] Дар ояти дигар мардумро ба пурсидан ва рӯй овардан ба аҳли зикр, яъне аҳли илм[3] амр кардааст, он ҷо

акрам (с) ё дар мавридҳое бошанд, ки раъй дар онҳо дахолат надоранд, ҳуҷҷати шариъӣ ба шумор мераванд ва пайравӣ ва амал ба онҳо иттибоъ аст, на тақлид. Ақвол ва назароти фиқҳии муҷтаҳид бизотиҳи (худ ба худ) ҳуҷҷати шариъӣ ва воҷибсозандаи тақлиди онҳо бар оммӣ нестанд, балки бо истинод ба нусус ва далоиле, ки дар сарчашмаҳои аввали шариъ – Китоб, Суннат ва иҷмоъ дар он маврид вуҷуд доранд, ҳуҷҷат ба шумор мераванд.

[1] Дар фарҳанги қуръонӣ донишу ҳикмат хайри фаровон ва баракоти илоҳие ба шумор меравад, ки Худованд онро танҳо барои бандагони дӯстдошта ва мавриди назари худ ато мекунад ва касе, ки ба вай ҳикмат дода шавад, хайри бисёре (ба ӯ) дода шудааст (Бақара, 2: 269). Фақоҳат дар дин ва омӯзиши бо табаҳҳури улуми шариъӣ низ, бино ба фармудаи расули акрам (с), хайре аст, ки Худо онро барои мавриди иноята Худ ато ва муяссар мегардонад (Саҳеҳи Бухорӣ, 71, 3116, 7312; Саҳеҳи Муслим, 2389 (1037)-100). Аҳли тақлид бо вуҷуде, ки аз хайру баракати ҳикмат ва фақоҳат дар дин бенасиб мондаанд, вале аз баракоти тақлид баҳраовар сохта шуддаанд, ки дар он низ пойбандӣ ба аҳкоми шариъ, тааллуқ ба арзишҳои фарҳанги исломӣ, ихлос ба бузургони дин ва ваҳдати фарҳангӣ-динӣ ба гунае таҷасум ёфтааст.

Аз бисёре аз фуқаҳо ва муҷтаҳидони пешин, ба мисли пешвоёни мазҳабҳои чаҳоргона – Абуҳанифа (рҳ), Абуюсуф (рҳ), Молик ибни Анас (рҳ), Шофеъӣ (рҳ) ва Аҳмади Ҳанбал (рҳ) адами ҷавози тақлид ва ақволе дар мазаммати он нақл шудааст, ки адами пӯёии илмии фақеҳон мавриди назарашон буда ва дар накӯҳиши уламои дорои шароите гуфта шуда, ки ба тавоноиҳои илмии худ амал накарда ва ба ҷои баҳра аз малакаи иҷтиҳодии хеш ба тақлид рӯй овардаанд. Аз имом Абуҳанифа (рҳ) ва дигар аиммаи мазҳаб ривоят шуда, ки фармуданд: *«Барои ҳеҷ касе фатво додан ба қавли мо ҳалол ва дуруст намебошад, то надонад, ки мо онро аз кадом сарчашма ва бо кадом далел гуфтаем»* (Зайнуддин ибни Иброҳим ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Нуҷайми Ҳанафӣ. ал-Баҳру-р-роиқ, шарҳу Канзи-д-дақоиқ маъа-л-ҳавошил-мусаммот Минҳата-л-Холиқ ала-л-Баҳри-р-роиқ ли Ибни Обидин. – Ҷ. 6. – С. 451 – 453. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1997; Расму-л-муфтӣ. – С. 22).

[2] Тавба, 9: 122.

[3] Мурод аз аҳли зикр дар ин оят уламои аҳли Китоб

ки мефармояд: **«Пас аҳли зикрро бипурсед, агар намедониста бошед!»**.[1]

Ҳамон гуна ки иҷтиҳод бар фақеҳони дорои шароит барои такйиф (шаклдиҳӣ, эҷодӣ ҳамсозӣ ва танзим)-и пайвастаи масоили рӯз таклифи динӣ ва воҷиби шаръӣ аст, тақлид аз фатово ва нуқтаназароти фиқҳии онҳо бар оммаи мардум, ки имкони дарёфти бевоситаи аҳкоми шаръро аз адилла – сарчашмаҳои аввали он надоранд, воҷиб аст.[2] Вуҷуби тақлид он даста аз уламо ва фақеҳонеро, ки аҳком ва фурӯъи амалии шаръ ва ҳатто матнҳои фиқҳиеро ҳифз кардаанд, вале ба дараҷаи иҷтиҳод нарасидаанд низ шомил мегардад ва он ба фақеҳоне, ки ба сурати таҷаззӣ дар бахше аз аҳкоми фиқҳӣ ва ё масоиле ба иҷтиҳод мепардозанд ва дар бахшҳои дигари фиқҳ ба дараҷаи иҷтиҳод нарасидаанд, низ тааллуқ мегирад. Ба ин қишри мардум ва уламо аҳли тақлид ва муқаллид гуфта мешавад, муқобили муҷтаҳид.

Аммо тақлиди фақеҳи муҷтаҳид аз фақеҳи дигаре пас аз иҷтиҳод дар масъалае ва маърифати ҳукми он бо иҷмои фуқаҳо ҷоиз нест, балки ӯро воҷиб аст, ки ба нуқтаназароти фиқҳӣ ва иҷтиҳодоти ба дастовардаи худаш дар он масъала амал кунад, зеро он чиро бо иҷтиҳод дарёфта, дар ҳаққи худаш ҳукми Худо ва ба манзалаи насси шаръӣ аст. Гузашта аз ин, иҷтиҳод асл ва тақлид бадал ва ҷонишини он аст, ба мисли вузӯ ва таяммум ва ҳар гоҳе асл мавҷуд бошад, интиқол ба бадал раво нест. Аммо дар бораи тақлиди вай аз муҷтаҳиди дигар дар масъалае, ки ҳанӯз дар он иҷтиҳоде накардааст, назди бузургони ҳанафӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад ва ба қавли имом Муҳаммад (рҳ) ҷоиз аст.[3] Дар ҳолати зарурат низ, ба мисли ин ки муҷтаҳид дар масъалае аз Китоб ва Суннат нассе пайдо накунад ва танҳо ба қавли муҷтаҳиди олимтар аз худ датрасӣ дошта бошад ё бо вуҷуди тамаккуни иҷтиҳодӣ бо сабабе фурсати таҳқиқ дар масъалаеро наёбад, низ барояш ҷоиз аст, ки ба фатво ва иҷтиҳоди муҷтаҳиди дигаре амал кунад. Аз имом Аҳмад (рҳ) ривоят шудааст, ки фармуд: Вақте аз масъалае пурсида шавам, ки дар бораи он хабар ва ривояте надонам, дар он ба қавли Шофеъӣ фатво медиҳам, зеро ӯ имоми донишманде аз Қурайш аст.[4]

Аҳли тақлидро раво набошад, яъне шаръан ҳақ надоранд, ки дар масоили шаръӣ барои касе фатво диҳанд ё онҳоро ба фаҳми худ шарҳу тавзеҳ намоянд. Вале он даста аз уламои дин, ки нуқтаназароти фиқҳӣ ва фатовои муҷтаҳид ё масоили мазҳаби фиқҳиеро мутолиа ва ҳифз кардаанд ва дар истилоҳ ба онҳо фақеҳони муқаллид гуфта мешавад, метавонанд он ма-

---

ҳастанд. Ибни Касир аз имом Ҷаъфари Содиқ (рҳ) овардааст, ки фармуд: Аҳли зикр мо ҳастем ва муродаш ин аст, ки ин уммат аҳли зикр ҳастанд, вале мурод аз аҳли зикр дар ин оят аҳли Китоб аст (Ибни Касир, Тафсиру-л-Қуръони-л-ъазим (таҳқиқи Абдурраззоқ ал-Маҳдӣ). – Ҷ. 4. – С. 41. – Бейрут: Дору-л-китоби-л-арабӣ, 2011). Шинқитӣ низ пас аз тафсири ин оят овардааст: Мурод аз аҳли зикр дар ин оят аҳли Китоб аст, вале аз он фаҳмида мешавад, ки касе ҳукмеро надонад, бар вай воҷиб аст, ки онро аз уламо бипурсад ва ба фатвои онҳо амал кунад ва бар ин уммат низ рост меояд, ки аҳли зикр аст (Муҳаммадамин ибни Муҳаммадмухтори Шинқитӣ. Азвоу-л-баён фӣ эзоҳи-л-Қуръони би-л-Қуръон. Ҷ. 2. – С. 149. – Бейрут: Дору-эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 2010).

[1] Наҳл, 16: 43.

[2] Аксари уламои усул тақлиди мардуми авомро аз ҳар муҷтаҳие аз аҳли суннат, ки ақвол ва фатовои ӯ дар масоили амалии шаръ ба меъёрҳои усулӣ, ба монанди мазҳабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ, даромада ё бар асоси қавоид ва усули яке аз мазҳабҳои чаҳоргона сурат гирифта ва ба онҳо наздиктар ва мулоқоти ӯ барояшон имконпазиртар аст, ҷоиз дониста ва тақлид аз муҷтаҳид ва мазҳаби муаёянеро ба таври айнӣ аз миёни дигар муҷтаҳидон ва мазҳабҳо воҷиб нагуфтаанд, вале тарҷеҳ додаанд, ки оммаи мардум аз ақволи аимма ва назароти фиқҳии мазҳабе аз мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат, ки усул ва масоили он дар он сарзамин мутадовил ва роиҷ аст, беҳтар аст, зеро масоил ва асосҳои фиқҳии он дар дастраси умум қарор доранд ва аз худ кардани онҳо барояшон осонтар аст, бар хилофи ақволи муҷтаҳид ва назароти фиқҳии мазҳабе, ки дар он диёр ба ин сатҳ мутадовил ва шинохташуда нест.

Ҷамоае аз уламо тақлид аз мазҳаби муайяни фиқҳиеро бар мардуми овом воҷиб донистаанд, зеро дар ин сурат бар тамоми аҳкоми он – азиматҳо ва рухсатҳояш амал мекунанд, магар ин ки барояшон зоҳир шавад, ки далели он масъала дар мазҳаби дигар қавитар аз далели мазҳаби онҳо ва муносибтар ба ҳолашон аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 13. – С. 164; Матолибу ули-н-нуҳо. – Ҷ. 6. – С. 441–448). ва дар айни ҳол бо қавоиди мазҳабашон мутобиқат дорад.

[3] Фавотеҳу-р-раҳмут, шарҳу Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2. – С. 426.

[4] Мустафо ас-Суютӣ ар-Раҳибонӣ. Матолибу ули-н-нуҳо фи шарҳи Ғояти-л-мунтаҳо. – Ҷ. 6. – С. 448. – Димишқ: Маншуроту-л-мактаби-л-исломӣ, 1961; ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя. – Ҷ. 13. – С. 161–162.

соилро ба ҳамон шакл ва муҳтаво ривоят кунанд. Онҳо дар ин мавриd ноқили ақвол ва назароти фиқҳии пешвоёни он мазҳаб ҳастанд, на муҷтаҳид ва соҳибназар дар масоили шаръӣ.

Тақлид танҳо дар масоили амалии шаръ ва фурӯъи фиқҳӣ, ки қаламрави масоили иҷтиҳодӣ ба шумор мераванд, ҷоиз аст, на дар усули дин ва он масоиле, ки берун аз доираи масоили иҷтиҳодӣ қарор доранд. Бинобар ин, тақлид аз назари ҷумҳури уламои усул дар масоили эътиқодӣ, аркони қатъии дин, усули куллӣ, аҳком ва заруриёти диние, ки бо насси қатъии шаръ собит шудаанд, барои ҳеҷ касе ҷоиз нест, зеро ин маҷмӯа меҳвари ҷаҳонбинии исломӣ, усули куллии арзишҳои эътиқодӣ ва таҳдоби бинои динро ташкил медиҳанд ва касе – на оммӣ ва на фақеҳ аз маърифати онҳо бе ниёз набошад.[1] Илова бар ин, ҳалқаҳои ин маҷмӯа хеле кам ва маънои онҳо равшан аст ва аз худ кардани онҳо барои ҳама осон ва муяссар аст, бар хилофи фурӯъи фиқҳӣ, ки хеле зиёд ва ба паҳнои ҳаёти башар густарда ҳастанд ва фаҳми онҳо диққати назар, тааммуқи фикрӣ ва малакаи тавонои илмӣ мехоҳад.

Омӯзиши усули эътиқодӣ ва аркони ақидаи исломӣ назди касе ва пурсидани масоили он аз коршиноси соҳа (фақеҳ), ба мисли таҳсили аҳкоми амалии шаръ, ҳеҷ мамнӯият ва боке надорад, зеро он ҷуз ба ин тариқ ҳосил нашавад ва ин кор аз тақлид фарқ дорад.

Тақлид аз ақвол ва назароти касоне, ки ба ҷаҳл, фисқ, ноадолатӣ (одил набудан дар истилоҳи уламои усул) ва маҷҳулулҳолӣ дар илм машҳур ҳастанд ва низ аз касоне, ки дар фатво додан саҳлангорӣ ва ломуболотӣ мекунанд ё дар ҷустуҷӯи ҳилаҳои ҳаром бо номи ҳилаҳои шаръӣ ҳастанд ва ё ба ақволи шоз ва ғайри мақбул назди ҷумҳури уламо назар медиҳанд, ҷоиз нест.[2] Тақлид аз расму ойин, андешаҳои эътиқодӣ (идеологӣ), тарзи зиндагӣ ва арзишҳои фарҳангии миллатҳои ғайримусулмон ва таассур аз динҳои бегона ва ҳар чизе аз онҳо, ки ба дину ақида бастагӣ дорад, ҳаром аст ва он бохти фарҳангӣ ва нишонаи беҳувийятии маънавӣ ва арзишнашиносии инсон ба шумор меравад.

Пайравӣ (иттибоъ ва фармонбарӣ) ба маънои васеаш, ки тақлид навъе аз он ба шумор меравад, аз ҳамон садри ислом миёни наслҳои беҳтарин (қуруни муфаззала)-и уммат роиҷ ва мутадовил буд. Саҳобагони киром бо он маърифати имонӣ, наздики (омезиш ва мубошарат)-и бевосита ба нузули ваҳӣ, шахсияти расули Худо (с) дар давраи таъсиси шариат ва бо он сафои забоние доштанд, танҳо ҷамоае аз онҳо аҳли фатво ва дорои назари иҷтиҳодӣ буданд ва аксарияти онҳо, вақте дар шинохти ҳукми масъалае ба мушкил рӯ ба рӯ мешуданд, ба аҳли фатво ва бузургони саҳоба руҷӯъ ва аз ақвол ва назароти онҳо пайравӣ мекарданд. Ҳатто хулафои рошид дар баъзе масоил ба саҳобагони аҳли асар ва аҳли назар (-и истидлолӣ ва иҷтиҳодӣ) рӯй меоварданд ва аз онҳо машварат ва назар

[1] Зеро маърифати Ҳақ таъоло, сифоти Ӯ, шинохти рисолати паёмбари акрам (с) ва дигар бадеҳиёти ақоиди исломӣ ва имон ба онҳо шакку тардид напазиранд, балки бояд бо итминони қалбӣ ва яқини ботинӣ ҳамроҳ бошанд ва он ҷуз бо имъони назар ва истидлол ҳосил нашавад ва он чизе аст, ки аз тариқи тақлид ба даст наояд. Бо ин вуҷуд имони шахси муқаллид назди аиммаи чаҳоргона – Абуҳанифа (рҳ), Молик (рҳ), Шофеъӣ (рҳ), Аҳмад ва аксари пешвоёни ислом саҳеҳ (дуруст) аст ва он бо далоили қатъӣ ва ба таври мутавотир аз замони паёмбари акрам (с) ривоят шудааст. Зеро тақлиди мамнӯъ дар ин мавриd тарки назар, эътимод ба сухани ғайр ва такрори қавли вай аст, аммо вақте пас аз он барояд имон ва яқин ҳосил шавад, он имон саҳеҳ аст, гарчи назди мутааххирин ба сабаби тарки назар ва истидлол гунаҳгор мегардад (Фавотеҳу-р-раҳмут, шарҳу Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2. – С. 432–433).

[2] Тақлид аз ақвол ва назароти фиқҳии фақеҳони диншинос, ки ба иҷтиҳод ва адолат машҳур ҳастанд, донишмандони ҳақпарвар, уламои шинохта ва таҳдон, аҳли диёнат ва тақво ва мавриди эътимод ҷоиз аст, на ба қавл ва назари ҳар касе, ки бо мазҳари аҳли дин мегардад, вале аз сифот ва шартҳои лозим барои аҳлияти муҷтаҳид баҳаре надорад. Зеро ба гуфтаи Ибни Сирин, «ин илм дин аст, пас бинигаред, ки динатонро аз кӣ ахз (дарёфт) менамоед!» ва ба гуфтаи имом Молик (рҳ), «ин илм гӯшту хун (тору пуди вуҷуд)-и ту аст ва рӯзи қиёмат аз он пурсида мешавӣ, пас бинигар, ки онро аз кӣ дарёфт мекунӣ!» (Саҳеҳи Муслим, муқаддима, 26; Ромҳурмузӣ, Қозӣ Ҳасан ибни Абдурраҳмон ибни Халлод. ал-Муҳаддису-л-фосил байна-р-ровӣ ва-л-воъӣ. – С. 414–416. – Бейрут: Дорулфикр, 1971; Саҳеҳу-л-Фақеҳи ва-л-мутафаққеҳ ли-л-Хатиби-л-Бағдодӣ (ихтисор: Одил ибни Юсуф ал-Аззозӣ). – С. 331–332. – Риёз: Дорулватан, 1997).

Амри Ҳақро бозҷӯ аз восиле,
Амри Ҳақро дарнаёбад ҳар диле!

(Мавлоно. Маснавӣ, дафтари аввал)

мехостанд. Ин расми мутадовил аз онҳо ба таври маврусӣ ва ба унвони равише барои ҳифзи мероси маънавии пешиниён ва таҳкими пояҳои фарҳанги динӣ ба наслҳои баъдӣ интиқол ёфт.

Аммо мутаассифона, имрӯз баъзе шахсиятҳо ва гурӯҳҳое дар ҷомеа машғули фаъолият ва афкори онҳо дар байни наслҳои ҷавон дар ҳоли интишор аст, ки бо надоштани шинохти кофӣ аз сираи расули Худо (с), равиш ва ҳаёти динии саҳобаи киром, бо маърифати кам ва надоштани дониши лозим дар барои ҳадисшиносӣ ва суннати набавӣ ва бехабар аз моҳияти фиқҳи исломӣ ва усули он, тақлид – пайравӣ аз мазҳабҳои фиқҳиро нодуруст ва ҳаром медонанд ва даъво мекунанд, ки бояд ҳар шахс аҳкомро худаш мустақиман ва бевосита аз Қуръон ва суннат, бе он ки ба гуфтаҳои фақеҳон (донишварони масоили аҳком) ва коршиносони улуми динӣ руҷӯъ намояд, истинбот ва берун оварад. Баъзе аз онҳо дар таъну носазои касоне, ки аз олим ё мазҳабе дар корҳои динӣ тақлид мекунанд, ба қадре ба ифрот мераванд, ки гоҳе мукаллидонро ба мушрикон ташбеҳ месозанд, ки гуфтаанд: **«Мо дар воқеъ, падарони худро бар тариқа ва расму роҳе ёфтаем ва мо аз пайи осори эшон раҳёфтаем»**.[1] Ҳатто баъзе аз ин тундравон мегӯянд: Барои муҷтаҳид будани шахс басанда аст, ки назди ӯ китоби Қуръон, қомус (луғатнома)-е ва яке аз матнҳои ҳадисӣ, ба монанди Саҳеҳи Бухорӣ ё Сунани Абудовуд бошанд, вай бо ҳамин метавонад муҷтаҳид бошад, яъне ба иҷтиҳод пардозад, бе он ки ба тақлиди касе аз аиммаи ислом ниёзе дошта бошад.[2] Агар ин миқдор дастрасӣ ба улуми забонӣ ва динӣ барои иҷтиҳод ва истинботи аҳком кифоят мекард, саҳобагони киром бештар аз он илми динӣ ва қобилияти забоншиносӣ доштанд, пас чаро ҳамаи онҳо муҷтаҳид нагаштанд, дар ҳоле ки ҳама араби тоза ва дар муҳити беолоиши арабӣ парвариш ёфта буданд ва ҳаводиси нузули ваҳйро аз наздик шоҳид буданд. Ин даъвое бесос аст, ки воқеияти зиндагӣ ва моҳияти дин онро такзиб мекунад ва ин сухан, ки тақлиди аиммаи дин ва мазҳабҳои фиқҳӣ дар масоили амалии шаръ ва фурӯъи заннии он ширк ва худопиндори (таълиҳ)-и онҳо аст, гуфторе бемоя аст.[3]

[1] Зухруф, 43:23. Қуръони карим дар ин оят ва оятҳои қабл ва баъд аз он дар бораи эътиқодоти ботили мушрикон сухан гуфта, баҳонаи онҳоро барои табрири андешаи нодурусташон зикр мекунад. Мушрикон барои дуруст нишон додани эътиқодот ва расму ойини худ ин баҳонаро пеш меоварданд, ки мо онро аз падарон ва наслҳои гузаштаи худ дарёфтаем ва бо пайравӣ аз осори эшон ҳидоят гаштаем. Ин пайравӣ аз расму ойини гузаштагон тақлиди кӯр-кӯрона ва бе ҳеҷ гуна асоси динӣ ва мантиқӣ аст ва Қуръон онро дар оятҳои зиёде рад ва нодурустиашро баён кардааст. Тақлид дар масоили амалии шаръ ва фурӯъи фиқҳӣ аз ин навъ тақлиди мушрикон фарқ дорад, зеро он бо истидлол, равиши илмӣ ва назари иҷтиҳодии муҷтаҳидони дорои шароит (болотарин нубуғи андешаи қонунгузорӣ) ба даст омада ва ба сарчашмаҳои дасти аввали шаръ – Китоб, Суннат ва иҷмоъ такя мекунад.

[2] Тақлид, яъне пайравӣ аз донишманди динӣ ё мазҳаби фиқҳие барои оммаи мардум ва аҳли тақлид аслан ба маънои тавсиқ дар шинохти аҳкоми амалии шаръ, эҳтиёт дар ибодат, касби маърифати зарурӣ, маълумоти мухтасар ва яқини ботинӣ дар бораи масоили фиқҳӣ ва бо басират паймудани роҳи дин аст, на ба маънои ҳаракати кӯр-кӯрона ва пайравии бо ҷаҳолат аз касе дар дин. Касе гумон ё даъво кунад, ки тақлидро комилан ва барои ҳеҷ касе раво намебинад ва дар динаш аз касе тақлид (пайравӣ) намекунад, ин сухани шахсе аст, ки бо он ибтоли осор ва ривоёт, таътил (бекор намудан)-и илм ва суннат, тафарруди (якравӣ ва худкомагӣ)-и фикрӣ ва эҷоди парокандагӣ ва хилофро дар миёни мусулмонон хостааст.

[3] Ҳеҷ касе дар бораи пешвоёни мактабҳои фиқҳӣ ва бузургмардони андешаи исломӣ эътиқод надорад, ки онҳо ҳаққи ҳалол ё ҳаром гардонидани чизе ё аз пеши худ бо номи шаръ баровардани ҳукмеро доранд, балки эътиқоди ҳама дар бораи эшон ин аст, ки дар илму динашон мавсуқ, дар тақво ва адолаташон маврид эътимод ва аз амонатдорони дини Худо ҳастанд, Алоҳ таъоло ба эшон нубуғ ва камоли зеҳние ато фармуда, ки бо камоли диққат ва дар болотарин ҳадди тавони инсонӣ ба истинбот ва коркарди аҳкоми фиқҳӣ аз сарчашмаҳои аввали шаръ пардохтаанд.

Мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат тайи қарнҳо талоши донишварон ва нубуғи қонунгузории муҷтаҳидони он ба сатҳе аз камол ва саботи ҳуқуқӣ расидаанд, ки аҳкоми шаръӣ, назароти фиқҳӣ ва арзишҳои амалии ислом дар таълимоти онҳо дар ҳама бахшҳо бо тааммуқ ва камоли диққат арзёбӣ ва барои ҷомеа пешкаш шудаанд. Андеша ва фарҳанги исломӣ дар онҳо дар ин муддат ба қадре суфта, беолоиш ва бо назокати хоссе бо ҳам чида шуда, ки аз ҳар ду канораи хатти ифрот ва тафрит (тундравӣ ва кундравӣ, ғулув ва бетафовутӣ) дур ва равиши миёна, эътидолгаро ва уммати васат будани мусулмонон дар онҳо ба низоми амалӣ ва меъёри илмӣ дароварда шудааст.

Баланд бардоштани маърифати динӣ, пояҳои чаҳонбинӣ ва шинохтҳои иҷтимоии мусулмонон бар асоси таълимоти ин мактабҳо, тавзеҳи равиши илмӣ, усули корӣ ва куллиёти

Ин гуна афрод гӯё намедонанд, ки истинбот (коркард) ва берун овардани аҳком корест, ки аз дасти ҳар шахсе барнамеояд. Чӣ тавре ки бемор ба табиб муроҷиат мекунад ва худаш вақте аз илми тиб хабар надошта бошад, наметавонад даст ба кор занад, ҳамин тавр дар фаҳмиши аҳкоми дин ҳам бояд ба мутахассиси он рӯй овард, зеро истинботи аҳком ва берун овардани назари шаръ дар масоили динӣ аз Қуръон ва суннат аз дигар тахассусот душвортар аст. Зеро дар он тахассус фақеҳ бояд аввал аз тафсири Қуръон ва донишҳои гуногуни он, ба монанди носиху мансух, муҳкаму муташобеҳ, асбоб (муҳит ва шароит)-и нузули оятҳо ва бисёр мавзӯъҳои дигар хуб огоҳ бошад ва сониян, дар бораи илми ҳадис ва он чӣ аз паёмбар (с) собит шудааст, дониши амиқ ва мақоми болои илмӣ дошта бошад, то бар асоси он меъёрҳои илмӣ саҳеҳ[1],

андешаи онҳо, бе тардид, хатти дурусти фикрӣ барои мардум нишон медиҳанд ва наслҳои ҷавон ва неруҳои зеҳнии миллатро аз ҳар гуна тундравӣ ва таассур аз андешаҳои носолим нигаҳ медоранд. Шояд ҳам тарҳ (докрина)-и онҳое, ки мардумро аз пайравии мазҳабҳои фиқҳӣ бозмедоранд ва бо номи исломи ноб ва пайрави аз ҳадиси паёмбари акрам (с) бар зидди бузургон ва пешоҳангони андешаи динӣ мубориза мебаранд, низ ҳамин, яъне ба осони таъсир гузоштан дар андешаи ҷавонон ва ба сӯи ғаразҳои қаблан барномарезишудаи худ кашидани онҳо бошад. Ба назар мерасад, марказҳои таҳлилӣ, институтҳои ҷомеашиносӣ ва мактабҳои психологӣ дар баъзе кишварҳо хеле хуб кор ва роҳҳои таъсиргузорӣ дар андешаи динии мусулмононро амиқ омӯхтаанд.

Манзури мо аз ин гуфтаҳо дар таъйиди пайравӣ аз мазҳабҳои фиқҳӣ бовар, амал ва рӯй овардан ба ҳар гуна эътиқодоти хурофӣ, расму ойини шаръан беасос ва тақлидҳои кӯр-кӯрона бо номи мазҳаб нест, балки амал кардан ба назароти илмӣ ва ақволи мустанади фиқҳии муҷтаҳидон ва бузургони ислом ва пок нигаҳ доштани ҳавзаи фарҳанги исломӣ аз ҳар гуна олоиш аст. Ҳамчунин банда ҳаргиз тарафдори рукуди фикрӣ ва нопӯёии халлоқиятҳои илмӣ дар ҷомеа набуда, балки ҳамвора борварии андешаи донишварон, талоши пайвастаи олимон ва нубуғи зеҳнии наслҳои ҷавонро таъйид дорам.

[1] **Саҳеҳ** ар. صحيح, дар риштаи ҳадисшиносӣ ҳадисе аст, ки бо санади муттасил ва ба василаи ровии одил ва зобит аз мисли худаш ривоят шуда, аз шузуз ва иллат холӣ бошад, яъне тамоми ровиён дар санад – силсилаи ривояти он яке пас аз дигаре то ҳалқаи аввали он – паёмбар (с) ё саҳоба зикр шуда, назди муҳаддисон маъруфият дошта бошанд ва ҳама одил, сиқа ва дорои қудрати ҳофизаи қавӣ барои забт – ҳифзи дақиқи ривояташон бошанд, илова бар ин, аз шузуз ва иллат ҳам холӣ бошад, яъне шоз ё муаллал набошад. Ҳадиси шоз он аст, ки ровии он одил ва дорои ҳофизаи қавӣ аст, вале ривояташ бо ривояти дигар ровиёни одил ва боҳофиза муғоир аст. Ҳадиси муаллал ҳадисе аст, ки дорои айби хафӣ ва иллати пӯшидае аст, ки онро танҳо уламо ва муҳаддисон метавонанд шиносоӣ намоянд.

Пас барои сиҳҳат – саҳеҳ дониста шудани ҳадис фароҳам омадани шартҳои зерин зарур аст: 1. иттисоли санад, яъне тамоми ровиёни он дар тамоми силсилаи санадаш бе ҳеҷ гуна инқитоъе зикр шуда ва назди муҳаддисон маъруф – шинохташуда бошанд, 2. адолати ровиён, яъне ҳамаи онҳо ба ин сифатҳо: мусулмон, болиғ, оқил, ғайрифосиқ ва ғайри махруму-л-муравват – мурувваташ хадшадорнашуда мавсуф бошанд, 3. забти ровиён, яъне комиллуҳифз – дорои ҳофизаи қавӣ бошанд ё дорои забти китобат буда, аз он ривоят кунанд, 4. аз шузуз – мухолифати ровии сиқа бо ровии мавсуқтар аз худаш дар ривояти он ҳадис, ҳолӣ бошад, 5. аз иллат ҳам холӣ бошад. Иллат назди муҳаддисон сабаби хафӣ ё айби пӯшидае дар ҳадис аст, ки ба сиҳҳати он қадҳ – осеб ва таън мерасонад, вале дар зоҳир аз он солим аст.

Агар ин шартҳо ба тамом ва бавоҷҳи камол дар ҳадис фароҳам бошанд, онро «саҳеҳун лизотиҳи» гӯянд ва ин баландтарин мартабаи мақбулият ва сиҳҳати аҳодиси оҳод аст. Агар ба яке аз шартҳои он навъе нотамомӣ ва нуқсон роҳ ёфта бошад, вале бо бисёрии роҳҳои ривояти ҳадис он нақс ҷуброн шавад, онро «саҳеҳун лиғайриҳи» гӯянд. Агар он нуқсон дар ҳадисе ҳамчунон ҷуброн ношуда боқӣ монда бошад, онро «ҳасанун лизотиҳи» ва агар бо ин ҳол бо тааддуди роҳҳои ривояташ, яъне аз роҳҳои гуногун ривоят шуданад, қувват пайдо кунад, он ба дараҷаи ҳадиси ҳасан мерасад ва ба он «ҳасанун лиғайриҳи» мегӯянд. Дар ҳадиси «ҳасанун лизотиҳи» нуқсон ва нотамомӣ дар як шарти он, ки марбут ба ровиён аст, вуҷуд дошта ва он хиффат – камӣ ё сабукии қувваи забт – ҳифзи ровие дар он аст, вале дигар шартҳо дар он бе ҳеҷ нақсе мавҷуд ҳастанд. Агар нуқсон ва нотамомӣ ба тамоми шартҳои сиҳҳат дар ҳадис роҳ ёфта бошад, он ҳадиси заъиф аст. Ва ҳамин ҳадиси заъиф бо тааддуди роҳҳои ривояташ тақвият мешавад ва ба дараҷаи ҳадиси «ҳасанун лиғайриҳи» мерасад.

Ҳадиси саҳеҳ бар ду навъ аст: ҳадиси мутавотир ва ҳадиси оҳод. Ҳадиси оҳод он аст, ки шумораи ровиёнаш дар ҳар санад аз силсилаи ривояташ ба ҳадди тавотур нарасидааст, ба монанди бисёре аз ҳадисҳои марбут ба ибодот, муомилот, ҳудуд, қисос, никоҳ, талоқ ва ғ. Аҳодиси саҳеҳи ривоятшуда ба тариқи оҳод ба таври куллӣ ва бо иттифоқи ҷумҳури уламои ислом ифодакунандаи занн (гумон, исботи аҳком ба таври заннӣ ва ғайри қатъӣ)) ҳастанд ва дар масоил ва аҳкоми амалии шаръ ҳуҷҷат ва санад мебошанд. Аҳодиси саҳеҳи ривоятшуда ба тариқи оҳод ҳама дар як мартаба аз сиҳҳат қарор надоранд, балки дараҷаҳои гуногун дошта, баъзе аз баъзе дигар саҳеҳтар аст.

Қавли муҳаддисон: «Ин ҳадиси саҳеҳ аст», ба ин маъност, ки дар он шартҳои панҷгонаи сиҳҳат таҳаққуқ

ҳасан[1], заъиф[2] ва ё мавзӯъ (сохта ва ҷаълӣ)[3] будани ҳадис ва ҳамчунин аз аҳли сиқа (мавриди боварӣ) ва ё дурӯғгӯ будани ривояткунандаи онро ташхис дода тавонад. Ва улуми гуногуне аз ин қабил, ки фарогирии онҳо ба солҳои дароз ва заҳматҳои тоқатфарсое ниёз дорад ва маълум аст, ки ҳар шахс ҳам наметавонад аз пайи ин кор шавад. Худованди бузург мефармояд:

وَمَا كَانَ ٱلْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُوا۟ كَآفَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ
مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَآئِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُوا۟ فِى ٱلدِّينِ
وَلِيُنذِرُوا۟ قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوٓا۟ إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ
يَحْذَرُونَ

«Муъминонро набошад, ки ҳамагӣ берун шаванд. Пас чаро аз ҳар фирқае аз онҳо гурӯҳе хориҷ нагаштанд, то дар дин фақоҳат

ёфтаанд, на ба маънои он ки сиҳҳати он ба таври қатъӣ собит шудааст, аз ҷиҳати ҷавози эҳтимоли хато ва нисён – фаромӯшӣ барои сиқа низ. Бинобар ин, аҳодиси саҳеҳи оҳод ифодаи зан мекунанд, дар аҳкоми амалии шаръ ҳуҷҷат ва санад дониста шудаанд ва амал ба онҳо воҷиб аст. Қавли онҳо: «Ин ҳадис ғайри саҳеҳ аст», ба ин маъност, ки дар он тамоми шартҳои панҷгонаи сиҳҳат ё баъзе аз онҳо фароҳам наомадаанд, на ба маънои ин ки он воқеан ҳам дурӯғ аст, аз ҷиҳати ҷавози эҳтимоли дуруст будани ривояти шахси бисёрхато.

Се шарти аввал аз шартҳои панҷгонаи сиҳҳати ҳадис ба санад ва ду шарти ахири он ба матни ҳадис тааллуқ доранд. Аз ин ҷиҳат, дараҷаи сиҳҳати ҳадисе, ки бо қавли муҳаддисон: «Исноди ин ҳадис саҳеҳ аст», тахриҷ ва арзёбӣ шудааст, аз дараҷаи ҳадисе, ки бо қавли онҳо: «Ин ҳадис саҳеҳ аст», тахриҷ шуда, поинтар аст ва дараҷаи сиҳҳати ҳадисе, ки бо қавли онҳо: «Исноди ин ҳадис ҳасан аст», аз дараҷаи ҳадисе, ки бо қавли онҳо: «Ин ҳадис ҳасан аст», тахриҷ шуда, поинтар аст. зеро дар тирози аввали қавли муҳаддисон танҳо ба таваффур – фароҳам омадани се шарти аввал аз шартҳои панҷгонаи сиҳҳати ҳадис кафолат дода шуда ва дар тирози дуюми сухани онҳо ба таваффури тамоми он шартҳо. Зеро эҳтимоли вуҷуди шузуз ё навъе иллат дар ҳадис дар тирози қавли аввали онҳо аз байн нарафтааст.

[1] **Ҳасан** ар. حسن, ҳадисе аст, ки бо санади муттасил ва ба василаи ровии одил, зобит ва маъруф аз мисли худаш ривоят шуда, вале қуввати забт – ҳофизаи онҳо поёнтар аз дараҷаи ҳофизаи ровиёни ҳадиси саҳеҳ аст ва низ аз шузуз ва иллат холӣ бошад, ба ин маъно ки ҳамаи ровиён дар силсилаи ривояти он то ҳалқаи аввали ривоят – паёмбар (с) ё саҳоба зикр ва назди муҳаддисон маъруфият доранд ва ҳама одил, сиқа ва дорои ҳофизаи қавӣ ҳастанд, вале қудрати ҳофиза ва забти онҳо ба андозаи қудрати ҳифз ва забти ровиёни ҳадиси саҳеҳ набошад. Илова бар ин, он шоз ва ё муаллал набошад. Фарқи ҳадиси ҳасан аз ҳадиси саҳеҳ яке ин аст, ки қудрати ҳифз ва забт дар ровиёни ҳадиси саҳеҳ бештар аст ва дуюм, ин ки ҳадиси ҳасан ҳамеша ба тариқи оҳод ривоят шуда ва мутавотир надорад.

Ҳадиси ҳасан гоҳе бо таваққуҳ ба омилҳои дигаре ба дараҷаи ҳадиси саҳеҳ мерасад ва ба он ҳасанун лизотиҳи ва саҳеҳун лиғайриҳи гуфта мешавад. Ҳадиси ҳасан ба монанди аҳодиси оҳоди саҳеҳ муфиди амал ва зан аст ва дар масоили фаръӣ ва амалӣ ҳуҷҷат ва санад аст.

[2] **Заъиф** ар. ضعيف, 1. суст, нотавон, муқобили қавӣ ва тавоно; дармонда, оҷиз 2. маҷозан беирода, сустирода, дорои заъфи нафс 3. дар риштаи ҳадисшиносӣ, ҳадис ва ривояте, ки як ё чанд тане аз силсилаи ровиёнаш шартҳо ва шароити лозим барои сиҳҳатро надошта бошад; ҳадисе, ки шартҳо ва шароити ҳадиси саҳеҳ ва ҳасанро надошта бошад ва он бар чанд навъ ё бар чанд дараҷа аст: мурсал, мунқатеъ, муъзал, мудаллас, муаллал, мақлуб, музтариб, шозз, мункар ва матрук ва ҳар навъе аз онҳо маънои истилоҳии хосси худро дорад.

Ҳадиси заъиф ифодакунандаи илм ва амал нест ва барои исботи ҳукми масоили шаръӣ салоҳияти санадиятро надорад, вале бисёре аз муҳаддисон истифода аз ҳадиси заъифро, вақте заъфи ҷиддӣ надошта бошад, дар баёни фазоили аъмол ва барои тарғибу тарҳиб, вақте заъфи он баён карда шавад,ҷоиз донистаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки аксари аҳкоми амалии шаръ ба Қуръон, ҳадисҳои саҳеҳ ва ҳасан ё ба иҷмоъ, қиёс ва дигар адиллаи фаръии маъруф назди муҷтаҳидон истинод доранд ва аз аҳодиси заъиф барои исботи ҳукми онҳо корбурде нашуда, магар дар мавридҳо ва масоиле, ки муҷтаҳид ҳадиси заъиферо бар қиёс тарҷеҳ дода бошад.

[3] Мавзӯъ ар. موضوع, назди муҳаддисон хабар ва ривояте аст, ки ба тариқи дурӯғ бофта шуда ва ба паёмбар (с) нисбат дода шудааст. Муҳаддисон аҳодис ва ривоёти собитшуда аз паёмбар (с)-ро ба се қисм: саҳеҳ, ҳасан ва заъиф тақсим карда, ҳадиси мавзӯъро аз бадтарин анвоъи аҳодиси заъиф ва мардуд донистааанд. Ба гуфтаи баъзе аҳли илм, итлоқи номи ҳадис ба ҳадиси мавзӯъ аз ҷиҳати бо номи ҳадис ривоят ва ба расули Худо (с) нисбат дода шудани он аст, вагарна, он аз ҷумлаи ҳадиси набавӣ ба шумор намеравад ва итлоқи лафзи ҳадис бар он то замоне ҷоиз аст, ки ҳанӯз мавзӯъ будани он маълум нагардида бошад ва ҳамин ки мавзӯъ будани он собит шуд, дигар итлоқи лафзи ҳадис бар он дуруст нест. Бо иҷмои тамоми уламои уммат ривояти ҳадиси мавзӯъ, дар кадом маъно ва ба ҳар мақсуде буда, барои касе, ки аз ҳоли он бохабар бошад, ҳалол нест, магар ҳамроҳ бо баёни вазъ – мавзӯъ (сохта ва ҷаълӣ) будани он.

Ҳадис вақте мавзӯъ дониста мешавад, ки дурӯғгӯии ровӣ ва вазъи ҳадис аз номи паёмбар (с), як бор ҳам, ки буда, аз вай исбот шавад, аммо агар дар дигар мавридҳо ба дурӯғ иттиҳом шуда, вале на дар бораи ривояти ҳадис аз паёмбар (с), пас вай матрукулҳадис аст ва ҳадиси ӯро матрук гӯянд.

(дониши кофӣ) пайдо кунанд ва қавми худро, вақте ба сӯи онҳо бозгаштанд, бим (инзор) диҳанд?».[1]

Яъне, тамоми мардуми мусулмон ба сурати инфиродӣ наметавонанд дар бораи арзишҳо ва аҳкоми шариат то он сатҳе донишҳои илмӣ ба даст ованд, ки худ бевосита аз Қуръон ва суннат он чиро мехоҳанд, истинбот ва коркард намоянд, балки бояд ҳайатҳо ва одамони махсусе ба ин кор иқдом намоянд ва арзишҳо ва аҳкоми шаръро барои мардум бозгӯ намоянд. Масъулияти илоҳӣ ва вазифаи динии онҳо назорати маънавиёти мардум ва баланд бардоштани сатҳи маърифати динии ҷомеа аст. Аз ҳамин ҷиҳат мардум дар замони баъд аз паёмбар (с) масоили шаръӣ ва аҳкоми динро аз ҳар шахс намепурсиданд, балки онро фақат аз касоне дарёфт мекарданд, ки дар фиқҳ ихтисос доштанд.[2] Шоир шояд ба ҳамин ҳолат ишора дошта, он ҷо ки мефармояд:

Иҷтиҳод андар замони инҳитот,
Қавмро барҳам ҳамепечад бисот.
З-иҷтиҳоди олимони камназар,
Иқтидо бар рафтагон маҳфузтар!

Ақли обоят ҳавасфарсуда нест,
Кори покон аз ғараз олуда нест!
Фикрашон ресад ҳаме бориктар,
Варъашон бо Мустафо наздиктар!

Танг бар мо раҳгузори дин шудаст,
Ҳар лаиме роздори дин шудаст.
Эй кӣ аз асрори дин бегонаӣ,
Бо як ойин соз, агар фарзонаӣ!
Ман шунидастам зи наббози ҳаёт,
Ихтилофи туст миқрози ҳаёт!
Аз якойнӣ мусулмон зиндааст,
Пайкари миллат зи Қуръон зиндааст!
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Румузи бехудӣ)

Дар муқобил, имрӯз қишри дигаре аз мардуми мусулмон ба арзишҳои динӣ, аҳкоми амалӣ ва умуман ба фарҳанг ва тамаддуни исломӣ чандон аҳаммияте намедиҳанд, дар омӯзиш ва пойбандӣ ба асосҳои эътиқодӣ, аҳкоми зиндагӣ ва меъёрҳои ахлоқии он ҳеҷ гуна гармӣ ва дилбастагие аз худ нишон намедиҳанд ва умреро дар ломуболотӣ ба сар мебаранд. Дар назари онҳо фарҳанг, тамаддун, дин, ранҷҳои амалӣ ва андӯхтаҳои илмии гузаштагон дар баробари ҳаёҳуи дунёи имрӯза гӯё ҳеҷ арзиши амалие надоранд. Онҳо, бо вуҷуде, ки аз сармояи илмӣ ва захоири андӯхтаи наслҳои мутамодии миллатҳо ба нафъи худ истифода мекунанд, вале барояшон танҳо таъмини баҳраҳои зиндагонии моддӣ муҳимтар аст ва намедонанд, ки миллатро ҳамон заҳамоти пайвастаи гузаштагон ба шукӯҳу азамати имрӯзааш расонидааст.

Фард чун пайванди айёмаш гусехт,
Шонаи идроки ӯ дандона рехт.
Қавм равшан аз саводи саргузашт,
Худшинос омад зи ёди саргузашт.

Чист таърих, эй зи худ бегонае,
Достоне, қиссае, афсонае!?

Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.
Рӯҳро сармояи тоб аст ин,
Ҷисми миллатро чу аъсоб аст ин.
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, румузи бехудӣ)

Қишри дигаре аз мардуми мусулмон ба фарҳанги исломӣ бо чашми нафрат ва ба унвони кори беҳуда ва бори гарони ҷомеа менигаранд, ҳувийяти миллӣ ва фарҳангии худро аз он ҷудо ва дар муқаддам доштани яке бар дигаре ҷадал мекунанд, тамоми нобасомониҳои рӯзгор ва мушкилоти ҷомеаро аз он мебинанд ва гоҳе бар зидди он ҳарфҳое мезананд, бехабар аз он ки фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ҷузъи ҷудонашаванда ва асоси фарҳанги миллии моро ташкил медиҳад. Сарвари давлат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин

[1] Тавба, 9:122.

[2] Фақеҳон дар гузашта асос ва бахши умдаи нухбагони фикрии ислом, яъне уламои онро ташкил медоданд ва посдорони аслии уммат ва дини он ба шумор мерафтанд. Онҳо аз назари иҷтимоӣ аркони уммат ва аз ҷиҳати фиқҳӣ ба унвони ҳокими шаръ ва муфтии он амал мекарданд. Аз он ҷо ки уламо, бахусус фақеҳон,ворисони мактаби паёмбарон ва идомадиҳандагони роҳи онҳо ҳастанд, дар нашри арзишҳои динӣ, ҳифзи улуми исломӣ ва ҳалли мушкилоти ҷомеа марҷаи динӣ, паноҳи ҳуқуқӣ ва маъвои дардҳои маънавии мардум буданд ва уммат саодати дунё ва растагории пас аз маргро дар гарави пайравӣ аз онҳо медид.

бора мефармояд: Арзишҳои динӣ бо шаклҳои ба миллати мо хос бояд дар ҳамбастагӣ бо фарҳанги миллӣ ҳамчун як қисми таркибии он арзёбӣ карда шаванд.[1]

Бар пояи таълимоти ислом асолати миллӣ, мансубияти нажодӣ ва ҳувийяти динии мардум бо ҳам таорузе надоранд ва ба ҳеҷ сурат дар муқобили якдигар қарор намегиранд. Гарчи саргаҳи пайдоиш ва хезишгоҳи дини ислом дар марҳалаҳои нахустини он сарзамин ва қавм – мардуми хоссе буда, вале моҳият ва ҳадафҳои таълимоти он ба минтақа ва мардуме хос гардонида нашудаанд, балки бо шаҳодати нусуси сареҳе дар сарчашмаҳои он ислом барои ҳамаи башарият фиристода шуда, асосҳои куллӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва сифати шумулият моҳияти омӯзаҳои онро ташкил додааст, ки барои ҳамаи миллатҳо ва наслҳо ҳамсозӣ доранд. Илова бар ин, бо шаҳодати таърих ислом дар пешрафт ва борварии илм, фарҳанг ва тамаддуни ҷомеаи башарӣ чунон нақш ва ҷойгоҳе дошта, ки ҳеҷ тамаддун ва таълимоти динии дигаре надоштааст.

Баъзе афроде, ки аз моҳияти инсонӣ (гуманӣ) ва ҳадафҳои асил дар қавонин ва умуман, аз таърих ва фарҳанги динҳои ҷаҳонӣ ва тамаддунҳои решадори башарӣ огаҳии кофӣ надоранд, ҳатто дар бораи ҳадафҳои аслии қонунҳои вазъӣ ва моҳияти ҳуқуқии онҳо шиносоӣ ва маърифати камтаре доранд, мегӯянд: Фиқҳи исломӣ чизе ҷуз андешаҳои ҳуқуқӣ ва афкори баъзе уламо нест, яъне ба асли илоҳии шариат тааллуқ надорад, аз ин рӯ, хуруҷ бар зидди он ё тарки он хуруҷ бар зидди шариат ба шумор намеравад. Гоҳе дигар мегӯянд: Фиқҳи исломӣ мушкилоти аср ва ҳаводисеро, ки тоза ба амал омадаанд, баррасӣ ва ҳал карда наметавонад ва баъзе аз онҳо бебокона мегӯянд: Он, ба мисли қонуни ошӯриён, мисриёни қадим ва қавонин ва расму ойин дигар тамаддунҳо ва миллатҳои мунқариза, аз осор ва хотироти таърихӣ гаштааст.

Усул ва куллиёти фиқҳи исломӣ бо нусуси Китоб ва Суннат поягузорӣ шудаанд ва он қисмате аз фиқҳ, ки аз андешаҳои фиқҳӣ ва масоили иҷтиҳодии уламои муҷтаҳид ба вуҷуд омадаанд низ, ба насси шаръие дар китоби Худо ё суннати расули Худо (с) истинод дошта ва ҳатто он назароти фиқҳие, ки ба тариқи иҷмоъ, қиёс ё дигар адилла – сарчашмаҳои ёрирасони шаръ истинбот шудаанд, дар ниҳоят ногузир ба Китоб ё Суннат бармегарданд. Бинобар ин, фиқҳи исломӣ қадосат ва худоӣ (аз сӯи Худо) будани хешро ба эътибори сарчашмаҳои шаръ – Китоб ва Суннат касб кардааст ва он муроди шариатест, ки Худо фурӯ фиристодааст.

Дар бораи мушкилоти рӯз ва масоили тозае, ки дар ин аср ба миён омадаанд, бояд гуфт, ки қонунгузории исломӣ то ибтидои асри 20-ум ва дар баъзе кишварҳо то нимаҳои он тавониста ба тамоми ниёҳои мардум ҷавоб гӯяд. Ҳатто дар даврaҳои соид будани назария баста шудани дари иҷтиҳод ва роиҷ гаштани тақлид масоили иҷтимоӣ ва мушкилоти рӯзи мардум бебаррасӣ ва ҳукми фиқҳие боқӣ намондаанд.

Аммо пиндори ба хотираи таърихӣ ва мероси куҳани гузашта табдил шудани фиқҳи исломӣ, илова бар он ки бо рӯҳи тамаддуни исломӣ ҳамсозӣ надорад, назари кӯтоҳбинонае аст, ки ба ҳеҷ санади таърихӣ ва воқеияти иҷтимоӣ низ истинод намекунад. Ҳар оқилеро ба таври бадеҳӣ пайдост, ки таърихи тамаддуни исломӣ ва моҳияти фарҳангии он аз дигар тамаддунҳои бостонӣ ва муосир фарқ дорад. Дар имтидоди ҳазору ним соли гузашта даҳҳо тамаддуни башарӣ падид ва кишваркушоиҳое ба василаи ақвоми мухталиф сурат гирифта, вале бо ҳамон суръате, ки зуҳур карда буданд, рӯ ба инқироз ниҳоданд, дар ҳоле ки тамаддуни ислом ҳанӯз ҳам дар ҳоли шукуфоӣ ва интишор аст. Он тамаддун ва дине аст, ки Худо онро барои башарият ба таври ҳамеша баргузидааст ва фиқҳ ҷузъе аз ин тамаддуни боазамат аст.

АҲКОМ ВА ИСТИЛОҲОТИ ФИҚҲӢ

Пеш аз фарогирии аҳком лозим аст бидонем, ҳар амал ва коре, ки дар зиндагӣ ба он рӯ ба рӯ мегардем, аз панҷ ҳукми шаръӣ берун нест, ба ин маъно ки анҷом додани он ё воҷиб – фарз аст ё мандуб ё ҳаром ё макрӯҳ ва ё мубоҳ.[2] Назди

[1] Иқтибос аз суханронии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 1310-солагии Имоми Аъзам, 26.02.2009.

[2] Воҷиб (фарз), маҳзур (ҳаром) ва мубоҳ аз мақулаҳои меҳварии аҳком дар фиқҳи исломӣ ҳастанд ва ҳатто мандуб ва макрӯҳ, ки фаротар аз таколиф ва маҳзуроти

фуқаҳои ҳанафӣ навъҳои фаръии дигаре аз аҳком, аз қабили воҷиб – ғайр аз фарз, макрӯҳи таҳримӣ ва танзеҳӣ, исоат ва ғ. низ вуҷуд дорад.

Уламои усул аҳкоми[1] шарърро ба ду қисм:

ҳатмӣ дар шаръ, яъне аз ҷумлаи таколиф ва маҳзуроти ихтиёрӣ (ғайриилзомӣ) ҳастанд, ба ҳамин андоза аҳаммият доранд. Мандуб ва макрӯҳ аз назари фиқҳӣ-ахлоқӣ аслан бар асоси ангеза таъриф шудаанд, на аз рӯи ҳатмият ё аз боби ҷурм, ба ин маъно ки мандуб ҳукм ё амалест, ки барои анҷоми он подош ва ачре пешбинӣ шуда, вале барои таркаш муҷозоте дар назар гирифта нашудааст. Макрӯҳ низ ҳукм ё амале аст, ки барои дурӣ ва парҳез аз он подош вуҷуд дорад ва анҷом додани он ҳеҷ гуна муҷозоте надорад. Ин ба он маъност, ки дар шариат ҳеҷ гӯшае аз рафтори банда бе ҳукми фиқҳӣ-ахлоқӣ боқӣ намондааст. Ҳатто мубоҳ, ки аз сӯи баъзе фуқаҳо бо мақулаи амалҳо ва ашёи беҳукм тавсиф шудааст, ба маънои ҳукми мусбат ва иҷобӣ [permitted] аст, на ба маънои бетарафии ҳақиқӣ [neutral], яъне бетафовутии фиқҳӣ-ахлоқӣ.

Ба ин тариқ, ин панҷ мақула ё аҳкоми панҷгонаи фиқҳӣ баёнгари кулгарой ва шумулияти назарияи фиқҳи исломӣ аст, ки тавоноии арзёбӣ ва ихтисос додани арзише барои тамоми афъоли бандагонро дорад.

[1] Аҳком ар. أحكام, (ч.-и ҳукм – حكم), дар истилоҳи уламои фиқҳ хитоби шореъ, ки ба афъоли мукаллафон таалуқ гирифта ва дар истилоҳи мутаххирин асар ё ҳосили хитоби шореъ, яъне он амале, ки бо хитоби шореъ собит шудааст, ба мисли вуҷуб, ҳурмат ва ғ.

Ҳосили итлоқи лафзи ҳукми шаръӣ бино ба ихтиёри Садрушшариат дар «Тавзеҳ» ин аст, ки ҳукм ё дар бораи таалуқи чизе ба чизи дигаре аст ё не. 1. Агар дар бораи таалуқи чизе ба чизи дигаре набошад, пас он ё сифати феъли мукаллаф аст ё асари феъли вай. а) Агар асари феъл бошад, пас ин ҷо дар бораи он баҳсе вуҷуд надорад, ба мисли мулк – моликият, ки он асари феъли мукаллаф аст ва бо феъли вай собит шудааст, на ба хитоби шореъ ва он масоиле, ки ба мулк таалуқ доранд, ба мисли мулки манфиат, субути дайн бар зимма ва ғ. б) Агар сифати феъли мукаллаф бошад, ба монанди вуҷуб, ҳурмат ва монанди инҳо, пас дар мафҳум ва таърифи он аз ибтидо ё мақсадҳои дунявӣ дар назар гирифта шудаанд ё мақсадҳои ухравӣ. Бо таваҷҷуҳ ба навъи аввал (таалуқи он ба мақсадҳои дунявӣ) феъл гоҳе ба саҳеҳ, ботил ва фосид, гоҳе ба мунъақид (басташуда) ва ғайри мунъақид (бастаношуда), гоҳе ба нофиз (амалкунанда ва муътабар) ва ғайри нофиз (беэътибор ва лағв) ва гоҳе ба лозим ва ғайри лозим тақсим мешавад.

Дар навъи дуюм (таалуқи он ба мақсадҳои ухравӣ) ҳукми феъл ё аслӣ аст, яъне пеш аз таалуқ ба узрҳои бандагон бино ёфтааст ё ғайри аслӣ, яъне пас аз таалуқ ба онҳо бино ёфтааст. Дар ҳукми аслӣ ё феъл (анҷом додан) авло аз тарк аст ё тарк авло аз феъл ё ҳеҷ яке аз онҳо аз дигаре авло нест. Аввалӣ агар ҳамроҳ бо манъи тарк ва собитшуда бо далели қатъӣ бошад, пас он фарз аст ва агар собитшуда бо далели заннӣ бошад, воҷиб аст. Агар чунин набуда – бо манъи тарк ҳамроҳ набошад, вале феъл тариқи маслука дар дин буда бошад, пас он суннат ва агар на, пас надб (мандуб) ва нафл аст. Дуюмӣ – тарк аз феъл авло, агар бо манъи феъл ҳамроҳ бошад, он ҳаром аст ва агар ҳамроҳ набошад, пас макрӯҳ аст. Сеюмӣ – ҳукме, ки дар он ҳеҷ яке аз феъл ё тарк бар дигаре авло набошад, балки бо ҳам баробар бошанд, он мубоҳ аст ва он чизе, ки ҳукмаш ба сурати ғайри аслӣ, яъне бино ба узрҳо ва пешомадҳои бандагон собит шудааст, рухсат аст.

Ба феъли мукаллаф ду навъ мақсадҳо: дунявӣ ва ухравӣ таалуқ мегиранд. Агар ба он аз ибтидо ба эътибори таалуқи мақсадҳои дунявӣ нигоҳ карда шавад, пас мақсуд аз он дар ибодатҳо холӣ сохтани зимма аз масъулият ва дар муомилот эътибороти шаръӣ – ҳадафҳое аст, ки бар қарордодҳо, фасхҳо ва ғ.-и онҳо мутараттиб мешаванд, ба монанди субути мулк дар байъ, субути манфиат дар иҷора, субути ҷудоӣ дар талоқ ва ғ. Пас феъл ба эътибори таалуқи мақсуди дунявӣ ба он, агар ба сурат ва тартибе воқеъ шавад, ки ба он (мақсуди дунявӣ) бирасонад, он саҳеҳ аст, агар ба сабаби вуқӯи халале дар аркон ва шартҳояш ба он нарасонад, ботил ва агар аркон ва шароиташ ба сурате воқеъ шуда, ки барои расонидан ба он муносиб ва созгор бошанд, на васфҳои хориҷиаш, пас он фосид аст.

Бинобар ин, сиҳҳат, бутлон ва фасод аз вожаҳо ва истилоҳот муқобилулмаъно буда, ҳулосаашон ин аст, ки саҳеҳ он амал ё ҳолат ва вазъе дар феъл аст, ки ба асл ва васфаш ба сурати дуруст воқеъ шудааст ё он аст, ки аркон ва шароити феълро доро ва барои субути ҳукм дар ҳаққаш шаръан муътабар аст, ботил он чизест, ки на ба асл ва на ба васфаш ба таври машрӯъ – дуруст воқеъ нашуда, балки маъно аз тамоми ваҷҳҳо дар он ё натиҷаи аз байн рафтани маънои тасарруф, ба мисли байъи худмурда ва хамр ё аз байн рафтани аҳлияти тасарруфкунанда, ба мисли кӯдак ва девона, фавт гардида ва танҳо суратан боқӣ мондааст ва фосид он чизест, ки ба аслаш машрӯъ аст, на ба васфаш, яъне дар худии худ машрӯъ аст, вале маънои он аз ваҷҳе, ба сабаби ҳамроҳ шудани чиз ё васфе номашрӯъ бо он, фавт гардидааст.

2. Агар ҳукм дар бораи таалуқи чизе бар чизи дигаре бошад, агар мутаалliқ (дар он чиз ё амал – мутааллақ) дохил бошад, рукн аст ва агар на, пас агар дар он муассир (таъсиргузор) бошад, пас иллат аст ва агар на, пас агар дар умум мусил – расонанда ба он бошад, сабаб аст ва агар шайъ бар он мутаваққиф бошад, пас шарт ва агар на, пас аломат аст.

Афъоли мукаллафон ба чанд қисманд. Зеро он чиро мукаллаф анҷом медиҳад, агар феълу таркаш бо ҳам баробар бошанд, пас он мубоҳ аст, агар феълаш авло ва ҳамроҳ бо манъи тарк бошад, пас он вуҷуб ва бидуни он мандуб аст. Агар таркаш авло, ҳамроҳ бо манъи феъл ва собитшуда бо далели қатъӣ бошад, ҳаром, агар бо далели заннӣ бошад, макрӯҳи таҳримӣ ва агар бидуни манъ аз феъли он бошад, пас макрӯҳи танзеҳӣ аст ва ин тақсим бино ба назари имом Муҳаммад (рҳ) аст

аҳкоми таклифӣ ва аҳкоми вазъӣ ҷудо кардаанд. **а)** Аҳкоми таклифӣ аз аҳкоме иборатанд, ки хитоби шореъ ба афъоли мукаллафон дар онҳо ба сурати талаб – амрҳои илзомӣ, супоришҳои тахйирӣ (мубоҳӣ) ва фармоишоти наҳйӣ тааллуқ гирифтааст ва ба онҳо аҳкоми панҷгонаи шаръӣ ва ё аҳкоми таклифӣ гуфта мешавад. **б)** Аҳкоми вазъӣ аз аҳкоме иборатанд, ки хитоби шореъ дар онҳо ба аъфоли мукаллафон барои баёни вазъ – нисбати чизе ва ё амре ба он афъол аз рӯи сабабият, шартият, монеият, сиҳҳат ва ё фасод – бутлон тааллуқ гирифтааст.[1] Аҳкоми таклифӣ маънои талаб (таклиф) – амр ва наҳйро доранд ва аҳкоми вазъӣ ба ваҷҳи ихбор – маънои хабарӣ омадаанд. Фарқи дигари онҳо дар ин аст, ки риоя ва анҷоми аҳкоми таклифӣ аз шахси мукаллаф шаръан талаб карда шудааст ва дар аҳкоми вазъӣ, ки баъзе онҳо аз афъоли ихтиёрии худи шахс ҳастанд, аз вай ба ваҷҳи таклиф[2] чизе талаб карда нашудааст, балки онҳо дар хитоби шореъ ба ҳайси аломати фаро расидани ҳукми таклифие ва ё заминае барои анҷоми он зикр шудаанд. Мас., Худованд фармуда: **«Ва намозро ҳангоми наздик гаштани офтоб ба ғуруб то торикии шаб барпо дор! ...»** (Исро, 17: 78). Дар ин мисол наздик гаштани офтоб ба ғуруб ва фаро расидани торикии шаб ҳукми вазъӣ – сабаб (вақт ва зарфи замонӣ) барои баргузории намозҳои аср, шом ва хуфтан аст, ки пас аз таҳаққуқи он ҳукми таклифӣ – барпо доштани намозҳо барои банда собит мегардад. Дар ин ҷо хитоби шореъ ба ҳукми таклифӣ – барпо доштани намоз тааллуқ гирифта ва банда ба анҷоми он амр шудааст, вале нисбат ба ҳукми вазъӣ аз вай чизе хоста нашуда – аз вай талаб карда нашудааст, ки офтобро ба ғуруб наздик гардонад ё торикии шабро фаро расонад, ки инҳо аз умури таквинии Худованд бошанд. Дар ин ҳукми вазъӣ танҳо ин амр баён шуда, ки наздик гаштани офтоб ба ғуруб ва фаро расидани торикии шаб сабаб – вақт ва зарфи замонӣ барои баргузории намозҳои аср, шом ва хуфтан аст.

Мисоли дигар, иқомат – муқим будан яке аз шартҳои вуҷуби намози ҷумъа ва аз аҳкоми вазъӣ ба шумор меравад, пас агар касе рӯзи ҷумъа дар мусофират бошад, аз вай хоста нашудааст, ки мусофирати худро ба поён расонад, то намози ҷумъа бар вай фарз гардад, балки дар ин ҷо танҳо ин амр баён шуда, ки бо фароҳам набудани ин шарт ва ҳукми вазъӣ намози ҷумъа аз шахс соқит аст.

Фарқи дигарашон он аст, ки аҳкоми таклифӣ дар аҳкоми вазъӣ аз ҷиҳати таклифӣ будanашон таъсире надоранд, вале аҳкоми вазъӣ дар эҷод ва ё нафйи аҳкоми таклифӣ таъсир доранд, ба монанди заволи офтоб, ки сабаби вуҷуби намози пешин, вузӯ, ки шарти сиҳҳати намоз ва қатли муваррис, ки монеъи меросбарии ворис аст.

Аҳкоми панҷгонаи шаръӣ ҳамроҳ бо тафреоти аҳкоме, ки дар таълимоти фиқҳи ҳанафӣ вуҷуд доранд, иборатанд аз:

1. Фарз ар. فـــرض, дар луғат ба маънои муайян кардан, воҷиб гардонидан ва андоза кардан ва дар истилоҳи фуқаҳо ва уламои усул ба маънои ҳар амр (фармуда) ва ҳукми шаръие, ки бо далели қатъӣ собит шуда, Худованд анҷом додани онро ба таври ҳатмӣ ва илзомӣ аз бандагони мукаллаф талаб (ба истилоҳи шаръӣ таклиф) кардааст ва бо анҷом додани он аз сӯи Худо савоб дода ва бо тарки бе узраш

(Убайдуллоҳ ибни Масъуди Маҳбубӣ. Танқеҳу-л-усул маъа шарҳиҳи-л-мусаммо би-т-Тавзеҳ маъа-т-Талвеҳ. – Ҷ. 2. – С. 253 – 258; – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, бе зикри соли чоп; Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни вал-улум. – Ҷ. 1. – С. 145–146).

[1] Хитоби шореъ ба мукаллафон ду навъи аҳком: таклифӣ ва вазъиро шомил мебошад, яъне ба афъоли онҳо ба ду сурат тааллуқ мепазирад: анҷом ё тарки онро ба тариқи вуҷуб ё тахйир аз онҳо хоста ва талаб кардааст ё вазъ – сабаб, шарт, мавонеъ ва сиҳҳату бутлони онро баён доштааст. Хитоби шореъ дар аҳкоми вазъӣ сабаб, шарт, мавонеъ ва ғ.-ро баён меунанд ва ба ин маъно ҳастанд, ки мас., наздик гаштани офтоб ба ғуруб сабаб – замони фаро расидан ва зарфи барпо доштани ҳукми таклифӣ – намоз, таҳорат шарти сиҳҳати намоз ва наҷосат яке аз мавонеи он аст ва ба гунае маонии зимнӣ барои аҳкоми таклифӣ ҳастанд. Пас намозгузор бояд барои сиҳҳати намозаш аввал таҳорат кунад, ҷой, либос ва бадани худро аз наҷосат пок созад ва бо фаро расидани вақти намоз онро ба ҷой оварад.

[2] Таклиф ар. تـكـلـيـف, (ч.-аш таколиф – تـكـا لـيـف), назди ҷумҳури усулиён илзоми феъле, ки дар он машаққат ва сахтӣ аст ва назди баъзе аз онҳо эҷоб (воҷиб гардонидан)-и ин эътиқод, ки феъл аз аҳкоми шаръӣ аст. Маъмулан ба маънои воҷиб гардидани таколиф – фароиз, воҷибот ва дигар аҳкоми шаръӣ ба сабаби расидани шахс ба синни булӯғ ва дигар шароити таклиф; маҷозан мукаллаф гардидани шахс.

азоб карда мешавад, ба монанди намоз, рӯза, закот, ҳаҷ ва дигар аркони ислом. Касе яке аз фаризаҳо ва он умуреро, ки ба таври қатъӣ дар шаръ собит шудаанд ва ё ҳукми фарзияти онҳоро инкор намояд, кофир мешавад.

Фарз ба эътибори тааллуқи таклифи он ба мукаллафон бар ду навъ аст – **фарзи айн** ва **фарзи кифоя:**

а) амале, ки анҷом додани он бар ҳар мусулмони дорои шароити таклиф ба таври ҳатмӣ ва илзомӣ воҷиб аст, онро фарзи айн мегӯянд. Фарзҳои айн амрҳои сарона мебошанд ва дар анҷоми онҳо адокунунда шахсан мавриди таклифи шаръ ва озмоиши Худо қарор гирифтааст. Латоифи рӯҳӣ ва ганҷинҳои маънавие, ки дар фарзҳои айн гузошта шудаанд ва замири банда ҳамвора ба сӯи онҳо таталлуи рӯҳӣ дорад, аз қабили хушӯъ, фурӯтанӣ ва дигар фавоиди ибодот, бо такрори пайвастаи фарзи айн сероб ва сари вақт таъмин мегарданд, амре, ки дар анҷоми фарзҳои кифоя камтар манзур будааст;

б) амале, ки анҷом додани он барои ҳамаи уммат ба таври умумӣ зарур аст ва вақте баъзе аз онҳо онро ба ҷой оваранд, аз бақия соқит мегардад, онро фарзи кифоя меноманд. Фарзҳои кифоя бештар ба амалҳои иҷтимоӣ ва чорабиниҳои дастҷамъӣ тааллуқ доранд ва шахсе аз оҳоди мардум ба таври хос дар онҳо мавриди таклифи шаръ ва имтиҳони Худованд набуда, балки онҳо масъулият ё воҷиби уммат ба таври умумӣ ҳастанд ва ҳусули он барои ҳама фоида дорад. Онҳо ба масъулиятҳои динӣ, ба монанди намози ҷаноза, амри маъруф, омӯзиши улуми шаръӣ, анҷоми шуғли қазо (судягӣ) ва ғ. ва умури дунявӣ, ба монанди роҳандозии саноатҳо, омӯзиш ва пешбурди касбҳо, зироат ва дигар муҳиммоте, ки умури зиндагии башарият ба онҳо қавом ёбанд, ҷудо мешаванд.[1]

Агар фарз ва ё воҷиби айн ва фарзи кифояе дар як вақт чамъ оянд, ки танҳо гунҷоиши яке аз онҳоро дошта бошад, пас фарз ва воҷиби айн бар фарзи кифоя муқаддам дошта мешавад, ба монанди ин ки намози пешин ва ё намози ид ва ҷанозае бо ҳам ҷамъ оянд ва аз вақти пешин ва ид танҳо ба миқдори адои яке аз онҳо боқӣ монда бошад, аввал намози пешин ва ид ба ҷой оварда мешаванд. Аммо агар вақти фарз гунҷоиши ҳар дуро дошта бошад, пас фарзи кифоя бар фарзи айн муқаддам дошта мешавад ва намози кусуф низ ҳамин ҳукмро дорад. Аммо агар фарзи кифоя бо суннате дар як вақт ҷамъ оянд, ба монанди намози ҷаноза ва кусуф, пас фарзи кифоя бар он муқаддам дошта мешавад ва дар қавле аз имом Муҳаммад (рҳ) намозгузорон бо назардошти мавқеъ мухайяранд.[2]

2. **Воҷиб** ар. واجب, низ назди фуқаҳои ҳанафӣ ба мисли фарз амр ва ҳукми шаръиест, ки Худованд анҷом додани онро *ба таври ҳатмӣ* ва илзомӣ аз бандагони мукаллаф талаб карда, адо кардани он савоб ва тарки бе узраш азоб дорад, вале он бо далели заннӣ – ғайри қатъӣ собит шудааст.[3] Воҷиб назди фуқаҳои ҳанафӣ пас аз истиқрои адилла ва аҳкоми шаръ барои гузоштани марзи ҷудосозандае байни аъмол

---

[1] Фарзи кифоя, агар ба тарзи кофӣ ва шоиста дар ҷомеа адо нагардад, мӯҷиби гуноҳи ҷамъӣ – ҳамагонӣ бошад. Фарзи кифоя яке аз василаҳо ё арсаҳои ихтисосёфтаи фиқҳӣ барои андешидан ва сухан гуфтан дар бораи ҷомеа ба таври куллӣ, яъне ба унвони як мавҷуд ва воҳиди низомёфтаи иҷтимоӣ аст ва он тамоми қаламрави масъулиятҳои муштарак ва густараи такофули иҷтимоиро дар ҷомеа дар бар мегирад.

Бар асоси қавоид ва усули фиқҳӣ фарзи аён ба қаламрави мафоҳим, арзишҳо ва таколифи хусусӣ ва фарзи кифоя ба мафоҳими умумӣ ихтисос дода шудааст. Фиқҳи исломӣ ба ин тартиб, тамоми паҳлуҳои ҳаёти шахси (фарди)-и бандаро зери пӯшиши таколиф ва нукоти маънавие бо номи фарзи айн, суннати муаккада ва ғ. қарор дода ва ҳамаи абъоди ҳаёти иҷтимоии ӯро бо вазоиф ва масъулиятҳои муштараке бо номи фарзҳо, воҷибот ва суннатҳои кифоя фаро гирифтааст ва бо ҳамин шерозаи ваҳдати иҷтимоӣ ва ҳамбастагии ҳуқуқӣ ва амалиро дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ба вуҷуд овардааст.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 52-53.

[3] Вуҷуб дар луғат ба маънои субут ва дар урф ба маънои истеҳсон ва авлавият, яъне хуб шуморидан, писандидан ва авло донистан аст, гуфта мешавад: яҷибу, яъне юстаҳсану – хуб шуморида мешавад ва инро вуҷуби урфӣ ва истеҳсонӣ гӯянд, муқобили вуҷуби ақлӣ ва шаръӣ.

Вуҷуби шаръӣ назди баъзе усулиён, ҳукм ба талаби феъле ғайри кафф – бозистодан аст, ки тарки он дар тамоми вақтҳояш муставҷиби иқоб бошад ва он феъли матлуб воҷиб номида мешавад. Пас вуҷуб қисме аз аҳком ва воҷиб қисме аз афъол аст. Назди баъзеҳо воҷиб он аст, ки тарккунандааш иқоб шавад. Таърифи ҷумҳури усулиён аз воҷиб аҳкоми собитшуда бо далели қатъӣ ва заннӣ ҳар дуро шомил мебошад ва воҷибу фарз ба як маъно ҳастанд. Назди фуқаҳои ҳанафӣ воҷиб ба аҳкоме, ки бо далели заннӣ собит шудаанд, ихтисос ёфта, тарккунандаи он бе узр мустаҳиққи мазаммат аст.

ва аҳкоме, ки бо далели қатъӣ собит шудаанд ва аъмол ва аҳкоме, ки бо далели заннӣ собит шудаанд, мавриди эътибор ва зинае аз аҳком қарор гирифтааст. Назди ҷумҳури усулиён воҷиб ба маънои фарз аст ва тафовуте ба ин сурат дар миёни аъмол ва аҳкоми шаръ қоил нестанд. Аммо фарқе, ки назди фуқаҳои ҳанафӣ дар байни фарз ва воҷиб вуҷуд дорад, иборат аст аз:

а) фарз бо далели қатъии мӯҷиб – воҷибсозандаи эътиқод ва амал ҳар ду собит шудааст ва воҷиб бо далели заннӣ (ғайри қатъӣ)-е собит шуда, ки танҳо мӯҷиби амал аст, ба ин маъно ки далелҳои собиткунандаи воҷиб на ба дараҷаи далоили собиткунандаи фарз қатъӣ буда, ки онро аз ҷиҳати эътиқодӣ низ ба сатҳи фарзҳои қатъӣ бирасонанд ва на ба он дараҷа аз фароянди онҳо низ берун буда, ки онро ба сатҳи суннатҳои одӣ поин баранд. Далели қатъӣ он аст, ки дар қотеият ва дараҷаи қуввати он ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад, вале дар қотеият ва ё далолати *далели заннӣ* шак ҷой дорад – қуввати субути он то ҷойгоҳи далели қатъӣ нарасидааст.[1]

Манзур аз далел дар ин ҷо адиллаи шаръ – нусуси Китоб ва Суннат аст, ки онҳо дар қуввати субут ва қатъияти далолат бар чаҳор навъанд: а) қатъиюсубут ва қатъиюдалолат буда, болотарин навъи адиллаи шаръро ташкил медиҳанд ва аз оятҳои муҳкам ва ё муфассар ва ҳамин тавр аҳодиси мутавотири[2] дорои мафҳуми қатъӣ ва мушаххас иборатанд. Ҳар амал ва ҳукми шаръие, ки бо ин далелҳо собит шуда бошад, фарз аст ва агар бо ин далелҳо наҳӣ ва манъ шуда бошад, ҳаром аст; б) қатъиюсубут ва занниюдалолат ва он аз оятҳои таъвилшудае иборат аст, ки субути онҳо қатъӣ аст, вале мафҳум ва далолаташон барои исботи ҳукме аз таъвили онҳо ҳосил шудааст; в) занниюсубут ва қатъиюдалолат ва он аз аҳодиси оҳоде иборат аст, ки далолат ва мафҳумашон қатъӣ ва мушаххас аст, вале субути онҳо дар қувват ба дараҷаи аҳодис ва ривоятҳои мутавотир нарасидааст. Ҳар амал ва ҳукми шаръие, ки бо ин ду навъи далелҳо дар банди б) ва в) собит шуда бошад, он воҷиб аст ва агар бо ин далелҳо наҳӣ ва манъ шуда бошад, макрӯҳи таҳримӣ аст; г) занниюсубут ва занниюдалолат ва он аз аҳодиси оҳоде иборат аст, ки ҳам мафҳум ва ҳам тариқи субуташон дар қувват ва қатъият ба дараҷаи аҳодиси навъи қаблӣ нарасидаанд. Бо ин навъи далелҳои шаръӣ аксаран суннатҳо ва мустаҳаббот дар исбот ва макрӯҳи танзеҳӣ дар манҳиёт собит мешаванд;

б) касе **фарзро** инкор кунад, кофир мегардад, вале инкоркунандаи воҷиб кофир намешавад, балки фосиқ ва гунаҳкор дониста мешавад, ба монанди хондани сураи «Фотиҳа» дар намоз, ки воҷиб аст.

3. Мандуб ар. مندوب, яке аз аҳкоми панҷгонаи шаръӣ, исми мафъул, дар луғат ба маънои амр ва коре, ки ба сӯи он даъват ва ташвиқ шуда ва дар истилоҳи уламои усул амр ва

---

[1] Аз назари фуқаҳои ҳанафӣ, далоили собиткунандаи аҳком ва таколифи диние, ки дар шариат ба сурати қатъӣ ва ба номи фарз собит шудаанд, аз назари қатъият дар ду дараҷа қарор доранд, ё аз қатъияти возеҳ ва дақиқе бархурдоранд, ки дар онҳо ҷое барои эҳтимол ва ибҳом вуҷуд надорад ё аз қатъияти бо эҳтимол, яъне қатъияте, ки бо қаринаҳои эҳтимолпазир аз Қуръон ва суннат, вале ба таври мувассақ собит шудаанд, ба ибораи дигар, фарз бо далели қатъӣ ва воҷиб бо далели заннии муътабар собит шудааст.

[2] **Мутавоти**р ар. متواتر, (и. ф.) 1. паёпай, пай дар пай, мутановиб 2 ба дунболи ҳам, пушти сари ҳам 3. дар риштаи ҳадисшиносӣ ҳадис ва ривояте, ки шумораи зиёде аз ровиён онро ривоят кардаанд, ки одатан мувофақаи онҳо бар дурӯғ муҳол бошад, яъне дар тамоми силсилаи санадаш ба василаи ҷамъе аз ровиён ба субут расида, ба тавре ки дар бораи сиҳҳати он яқин ҳосил шавад ва эҳтимоли мувофақаи онҳо бар дурӯғ дар он бокӣ намонад. Ҳадиси мутавотир ифодакунандаи илм ва яқин аст ва дар тамоми масоили шаръӣ – эътиқодӣ ва амалӣ санад ва ҳуҷҷат аст.

Ҳадиси мутавотир бар ду қисм аст: мутавотири лафзӣ ва маънӣ. Мутавотири лафзӣ он аст, ки бо лафз ва маъно ҳар ду ба тавотур расидааст, ба монанди ҳадиси: «Ман казаба ъалайя мутаъаммидан, фалятабавваъ мақъадаҳу мина-н-нор – Касе амдан бар ман дурӯғ бибандад ё аз ман бар дурӯғ ривоят кунад, пас ҷойгоҳи хешро дар оташ омода созад ё дарёбад!», ки аз тариқи ҳафтоду чанд саҳоба ривоят шудааст. Мутавотири маънӣ он аст, ки маънои он ба тавотур расидааст, на лафзаш, ба мисли аҳодиси бардоштани дастон дар дуо, ки ҳудуди сад ҳадис дар ин бора аз паёмбар (с) ривоят шуда ва дар ҳар ҳадисе аз онҳо омада, ки он ҳазрат (с) ба ҳаногми дуо дастонашро бардоштааст, вале он дар қазияҳо ва корҳои мухталиф буда, ки дар ҳар қазияе аз онҳо ба тавотур нарасидааст, аммо қадри муштарак мисёни онҳо ин аст, ки дастонашро бардоштааст. Пас маънои умумии ҳамаи онҳо дар бардоштани дастон дар дуо мутавотир аст.

ҳукмест, ки аз сӯи шаръ ба он ташвиқ шуда ва Худованд анҷом додани онро аз бандагони мукаллаф ба таври ғайри ҳатмӣ ва илзомӣ талаб кардааст. Ба ҷо овардани он ҳатман савоб дорад, вале таркаш азоб надорад. Мандубот дар шаръ дорои дараҷаҳои мутафовит ва навъҳои гуногун ҳастанд, ки дар умум онҳоро ба се навъи асосӣ: а) **суннатҳои муаккада ва ё сунани ҳудо;** б) **суннатҳои завоид;** в) **навофил ва ё мустаҳаббот ҷудо кардаанд.**

4. Суннат (ҷамъаш сунан) ар. سُنَّة/ سُنَّت، ج. سُنَن ба маънои роҳу равиш, тариқа ва сират ва дар истилоҳи шаръ ба маонии мухталифе омадааст: 1. Қавл, феъл ва тақрири паёмбар (с)-ро дар умури шаръӣ суннат гӯянд ва он ба ин маъно пас аз Китоб – Қуръон аз адиллаи чаҳоргонаи шаръ ба шумор меравад. Суннат тафсири китоби Худо ва баёнкунандаи қавоиди куллӣ, иҷмол, иҷоз (ихтисор), мушкил ва дигар алфози он аст; 2. дар баробари бидъат ба амале итлоқ гардад, ки бо амалкарди соҳиби шаръ мутобиқ бошад, агар бо он мухолиф бошад, онро бидъат гӯянд; 3. равиши собитшуда аз паёмбар (с) ва асҳоби ӯ, ба хусус аз хулафо ва чаҳор ёри кибор, дар ҳаёти диниашон ё тариқи маслука дар дин, ғайр аз вуҷуб ва фарз, яъне он чи паёмбар (с) бар он мувозабат варзида ва онро тарк накарда, магар ба нудрат ё саҳоба бар он мувозабат варзидаанд[1] ва ин ҳамон маънои истилоҳии суннат назди уламои фиқҳ аст;[2] 4. он амале, ки ҳукми он бо суннат собит шудааст, гарчи аз воҷибот буда бошад, ба монанди намози витр назди имом Абуҳанифа (рҳ).

Суннат ба маънои аввал ба се бахш ҷудо мешавад: а) суннати қавлӣ ва он умдатарин қисмати суннати расули Худо (с)-ро ба вуҷуд овардааст; б) суннати феълӣ; в) суннати тақрирӣ.

Суннат дар истилоҳи уламои фиқҳ амр ва ҳукмест, ки барои анҷом додани он аз сӯи шаръ таъкид ва тавсияҳои зиёде шуда, вале далоили собитсозандаи он ба қатъияти далоили мусбити фарз набуда. Бинобар ин, тарккунандаи он мустаҳиққи азоб намегардад, вале шаръан мавриди маломат ва итоб қарор мегирад. Аммо исрор ва мудовамат бар тарки суннате аз суннатҳои шаръ ва ё суннатҳоро ба таври куллӣ тарк намудан гуноҳ ва мӯҷиби иқоб аст. Суннат ба

---

[1] Пайравӣ аз суннат – равиши динӣ ё тариқи маслукаи саҳобаи расули акрам (с) дар дин воҷиб аст, зеро суннати онҳо тобеи суннати паёмбар (с) аст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе аз шумо, ки пас аз ман зинда бошад, ихтилофи бисёре бинад. Пас суннати ман ва суннати хулафои рошид ва маҳдӣ (раҳёфта ва ҳидоятшуда)-и маро бар худ лозим гиред, ба он тамассук ҷӯед ва онро бо дандонҳо нигоҳ доред ва аз муҳдасоти умур – корҳои навпайдо (дар дин) дурӣ намоед, ки ҳар (кори) навпайдое бидъат ва ҳар бидъате гумроҳӣ аст!»*** (Сунани Абудовуд, 4607; Муснади имом Аҳмад, 17275 (17145). Дар Мишкоти шариф аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ривоят шуда ки фармуд: «Касе амал ба суннат ва пайравӣ аз онро бихоҳад, пас ба суннати касоне амал ва аз он пайравӣ кунад, ки даргузаштаанд, ки зиндагон аз фитна эмин набошанд. Онҳо – саҳобагони Муҳаммад (с) афзал, покдилтар, боилмтар ва камтакаллуфтарини ин уммат буданд. Онҳоро Худои таъоло барои суҳбати паёмбараш (с) ва барпо сохтани динаш баргузид, пас фазли эшонро бишиносед, онҳоро бар асарашон пайравӣ намоед ва ҳар чи метавонед ба ахлоқ ва сираи эшон тамассук ҷӯед, ки онҳо бар роҳи рост буданд!» (Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, маъруф ба Хатиби Табрезӣ. Мишкотулмасобеҳ, 193. – Ҷ. 1. - Бейрут, 1996).

[2] Суннат гарчи дар истилоҳ ба маонии зикршуда дар матн ихтисос ёфта, вале асоси назарӣ ва таҳдоби амалии он ба андозае густарда аст, ки тамоми абъоди фарҳанг ва тамаддуни исломиро, аз фиқҳ, тафсир, илми ахлоқ, ирфон ва фалсафаи исломӣ дар бар мегирад, ҳувийятҳои мухталифи фикрӣ, мактабӣ ва амалии мавҷуд дар ҷаҳони ислом ба гунае ба он истинод мекунанд ва он ба унвони мадлули муштараке барои шаклгирии андешаи динӣ ва зуҳур (таҷассум)-и ҳувийяти фикрӣ, амалӣ ва сулукии онҳо амал мекунад. Ба таври мисол, орифон ва аҳли тасаввуф бар буъди ирфонии андеша ва амали исломӣ таъкид дошта, суннатро шомили маънавият (рӯҳоният)-и паёмбари акрам (с) ва бозтоби арзишҳое дар зиндагии вай, аз қабили эътилои нафс ва зикри Худо дар дил, медонистанд. Бар пояи таълимоти бузургони тариқат, ҳаёти маънавии паёмбар (с) сармашқи амалӣ ва намунае айнӣ барои шахси мусулмон аст ва мас., дар шабзиндадориҳои он ҳазрат (с) метавонад барои камоли маънавӣ ва тазкияи нафси худ намуна ва роҳе бичӯяд. Аҳодиси қудсӣ, яъне ривоёте аз паёмбар (с), ки шомили суханони илоҳӣ ҳастанд, назди орифон дар таҷассуми буъди ирфонии суннат ва нақши он дар тарғиб ба тақво, ихлос ва касби маънавиёт аҳаммияти хосае доранд.

Илова бар ин, таҳқиқот ва ковишҳои илмии донишмандони ислом дар мафҳуми суннати паёмбар (с) барои ба ёд супурдани паҳлуҳои гуногуни зиндагонии он ҳазрат (с) ба шаклгирӣ ва бинои дақиқи достони зиндагии паёмбар (с) бо номи сираи паёмбар (с) ё сираи набавӣ анҷомид (Доиратулмаорифи ҷаҳони навини ислом (зери таҳрири Ҷон. Л. Испозито) [Esposito. John L. The Oxford Encyclopedia of the Modern Islamic World. 1955], тарҷимаи форсӣ бо таҳқиқ ва зери назари Ҳасан Торимӣ ва ҳамкоронаш. – Ҷ. 3, зайли моддаи «суннат»).

ин маъно қисме аз мандуб ва бахше аз аҳкоми таклифии шаръ дар баробари фарз, воҷиб ва ғ. аст ва дар ин ҳол агар тарки он макрӯҳ бо кароҳати таҳримӣ бошад, суннати муаккада ва ё суннати ҳудо хонда шавад, ба монанди азону иқомат ва намози ҷамоат ва агар таркаш кароҳияте надошта бошад, суннати завоид номида шавад, ба монанди мисвок кардан.

а) Суннати муаккада он амри шаръӣ ва корест, ки расули Худо (с) онро бо мудовамат анҷом дода ва ҷуз як-ду маврид онро тарк накардааст, ба монанди ду ракъат суннати қабл аз фарзи намози бомдод. Гоҳе ба суннатҳои муаккада вақте такмилкунандаи воҷиботи динӣ ва ё ба ҳайси муқаддимае барои онҳо машруъ гардида бошанд, сунани ҳудо низ гуфта шавад, ба монанди азону иқомат, ки мукаммили намозҳои фарз ва шиори исломанд ва тарккунандаи онҳо ба гумроҳӣ мансуб ва ба маломати шаръ дучор мегардад. Ҳукми ин навъ суннат воҷиб ё наздик ба воҷиб аст ва тарки он макрӯҳи таҳримӣ ё исоат аст.

б) Суннати завоид, ки дар боби ибодатҳо ба он суннати ғайри муаккада низ гуфта мешавад, он ибодат, амал ва амри шаръиест, ки расули Худо (с) ба мисли суннатҳои муаккада бар он мувозабат, таоҳуд ва таъкид нафармуда ва барои тахфиф бар умматаш онро борҳо тарк кардааст, ба монанди намози зуҳо – чошт, чаҳор ракъат намози пеш аз фарзи аср ва дигар суннатҳои завоид. Корҳои одӣ – ғайри даъватии расули Худо (с) дар ҳаёти ҳаррӯзааш ва равандди зиндагонии он Ҳазрат (с) низ, ба монанди одоби хӯрдану нӯшидан, либос пӯшидан, хоб рафтан, таёмун (аз рост шурӯъ кардани ҳар коре), ҳаракат дар роҳ ва ғайра назди муҳаддисон ва сиранигорон бахше аз сунани завоид ба шумор мераванд ва ба он суннати одат низ гуфта мешавад. Пайравӣ аз расули Худо (с) дар ин корҳо мустаҳаб мебошад ва ниҳояти дилбастагии шахсро ба ӯ нишон медиҳад;

в) Нафл ар. نفل, дар луғат ба маънои зиёда ва илова ва дар истилоҳи уламои усул ба амалҳо ва ибодатҳои мандубе гуфта мешавад, ки шахси мукаллаф онҳоро илова ва зиёда бар фароиз, воҷибот ва суннатҳои муаккада барои такмили нуқсон ва пурра намудани ҳусну савоби воҷибот ва суннатҳо анҷом медиҳад. Ҳукми нафл ин аст, ки бо феълаш савоб дода мешавад, вале бо таркаш иқобе мутараттиб намегардад, яъне феълаш шаръан матлуб аст, бидуни иқобе бар таркаш. Дар шаръ ба умури навофил ташвиқ ва тавсия шуда, вале анҷоми онҳо ба иқдомоти довталабонаи худи шахс мавкул гардидааст, гарчи тарки онҳо шаръан иқоб ва накӯҳише барои шахс ба бор намеоварад, вале тарки ба таври куллии онҳо дар адолат ва муруввати инсонии ӯ таън ворид месозад ва беадабӣ ва ё суиадаб ба шумор меравад.

г) Мустаҳаб ар. مستحب, исми мафъул аз истеҳбоб ба маънои дӯстдошта, хуб ва писандида бошад ва дар истилоҳи фуқаҳо он амале, ки паёмбар (с) ба он, ба мисли суннатҳои муаккада, мувозабат наварзида, балки гоҳе онро анҷом дода ва гоҳе тарк кардааст. Аз ин ҷиҳат, он дар мартаба аз суннатҳои муаккада поёнтар аст. Ин қисми аҳком ё амалҳо аз сӯи шаръ матлуб ва дӯстдошташудаанд, вале ба анҷоми онҳо ба таври ҳатмӣ амр нашудааст. Аз он ҷо ки ин гуна аъмол ва корҳои хайр, илова бар фарзҳо, ба таври довталабона ва аз боби ҷавонмардӣ барои касби савоби бештар анҷом дода мешаванд, ба онҳо мандуб, нафл ва татаввуъ низ гуфта мешавад.

Эй кӣ бошӣ ҳикмати динро амин,
Бо ту гӯям нуктаи шаръи мубин.

Чун касе гардад музоҳим бе сабаб,
Бо мусулмон дар адои мустаҳаб,

Мустаҳабро фарз гардонидаанд,
Зиндагиро айни қудрат дидаанд!

5. Ҳаром ар. حرام, яке аз аҳкоми панҷгонаи шаръӣ, дар истилоҳи уламои усул ба маънои амр ва ҳукми шаръие аст, ки ҳурмати он бо далели қатъӣ собит шуда, Худованд тарки онро ба таври ҳатмӣ ва илзомӣ аз бандагони мукаллаф талаб карда ва бо иртикобаш азоб ваъид фармудааст, ба монанди зино, хӯрдани моли ятим, хӯрдани рибо ва дигар амалҳои шаръан мамнӯъ ва маъсият. Ҳаромро ба ибораи дигар маъсият ва гуноҳ ҳам мегӯянд. Касе ҳароми муттафақун алайҳро инкор намояд, кофир мегардад.

Ҳаром ё ҳурмати ашё ду навъ аст, ҳаром лиайниҳи ва ҳаром лиғайриҳи. Вақте ҳурмат ба

сӯи айни чизе изофа шавад, ба мисли ҳурмати хӯрдани худмурда, хамр ва монанд инҳо, ба ин маъност, ки ҳаром будан ба айн ё маҳал итлоқ гардидааст ва маншаи ҳурмати феъле, ки ба он нисбат дода мешавад, ҳурмати маҳал ё айн аст, яъне хӯрдани гӯшти худмурда ба сабаби ҳаром будани айн ё маҳал аст, ҳурмати нӯшидани хамр ба сабаби ҳаром будани маҳал аст.

Агар маншаи ҳурмати феъле маҳал ё айни шайъ набуда, балки сабаби дигаре бошад, ба мисли хӯрдани моли ғайр, ки сабаби он таллуқи мол ба мулки ғайр аст, он ҳаром лиғайриҳи ба шумор меравад. Дар ин сурат феъл – хӯрдани моли ғайр ҳаром – мамнӯъ аст, вале ҳурмат ба айн ё маҳал тааллуқ нагирифтааст, он барои қабули феъли дигаре салоҳият дорад ва соҳибаш метавонад онро бихӯрад.

6. Макрӯҳ ар. مكروه, исми мафъул ба маънои нописандида, зишт, нохушоянд ва бокароҳат ва назди уламои усул яке аз аҳкоми панҷгонаи шаръӣ ва ба маънои амр ва ҳукми шаръиест, ки Худо тарки онро аз бандагони мукаллаф ба таври ғайри ҳатмӣ ва илзомӣ талаб кардааст. Гарчи барои иртикоби макрӯҳ аз сӯи шаръ иқобе пешбинӣ нашуда, вале иртикоби ҳамаи макрӯҳоти шаръ ба ҳаром табдил меёбад ва муртакиби он муставҷиби иқоб мегардад. Ба он наҳйи ғайри таҳримӣ ва ё наҳйи танзеҳӣ низ гӯянд.

Макрӯҳ назди фуқаҳои ҳанафӣ бар ду навъ аст, яке болотар аз макрӯҳи истилоҳӣ назди ҷумҳури усулиён ва наздик ба ҳаром, ки ба он макрӯҳи таҳримӣ гӯянд ва дигаре макрӯҳи танзеҳӣ, ки он ҳамон макрӯҳи истилоҳӣ аст.

а) Макрӯҳи таҳримӣ назди фуқаҳои ҳанафӣ он амр (амал) ва зинаи фаръие аз аҳкоми шаръӣ аст, ки Худованд тарки онро ба таври ҳатмӣ ва илзомӣ аз бандагони мукаллаф талаб карда ва бо иртикобаш азоб ваъид фармудааст. Фарқе, ки байни макрӯҳи таҳримӣ ва ҳаром вуҷуд дорад, ин аст, ки ҳурмати ҳаром бо далели қатъӣ собит шуда ва ҳурмати макрӯҳи таҳримӣ бо далели заннӣ собит шудааст, ки ба андозаи далели ҳаром қатъӣ нест ва азоби ваъидшуда барои муртакиби макрӯҳи таҳримӣ ба шиддати азоби пешбинишуда барои иртикоби ҳаром нест, ба мисли хостгорӣ кардан бар болои хостгории каси дигар. Ба он кароҳати таҳримӣ низ гӯянд.

б) Макрӯҳи танзеҳӣ назди фуқаҳои ҳанафӣ он амр (амал) ва зинаи фаръие аз аҳкоми панҷгонаи шаръӣ аст, ки Худованд тарки онро аз бандагони мукаллаф хоста, вале на ба дараҷаи ҳатмияти макрӯҳи таҳримӣ, анҷом додани он бар хилофи авло ва равиши баргузида – маснун буда ва исрору мудовамат бар он ба кароҳияти таҳримӣ меанҷомад, ба монанди ба дасти чап хӯрдан. Ба он кароҳати танзеҳӣ низ гӯянд.

Вожаи макрӯҳ дар ибороти мутақаддимин ба маънои ҳаром зиёд корбурд шудааст ва аз сӯи мардум ба ҳамон маънои луғавӣ (ғайри истилоҳи)-аш: нохушоянд ва зишт низ истеъмол мешавад.

7. Мубоҳ ар. مباح, ки ба он ибоҳат ниг гӯянд, истилоҳе фиқҳӣ ба маънои ҷоиз ва раво бошад ва назди фуқаҳо иборат аст аз амр (амал) ва ҳукме, ки ҳар ду тараф – анҷом додан ва надодани он (тарки он) бо ҳам баробар ва ҷоиз аст, на савобе барои анҷоми он аз сӯи шаръ пешбинӣ шуда ва на азобе ба феъли он таллуқ мегирад, ба монанди ба гардиш баромадан, ба зебоиҳо (-и мас., табиат) ва ҷойҳои ҷоиз нигаристан ва дигар корҳои рӯзмарра ва ҷоиз. Мубоҳ ба ваҷҳи тағлиб аз аҳкоми таклифии шаръ дониста шудааст, вагарна ҳеҷ гуна таклиф – амру наҳйе ба он тааллуқ нагирифтааст. Ибоҳат[1] ва раво будани феълу тарки корҳои мубоҳ аз се роҳ собит шудааст:

а) ба ибоҳат ва раво будани он дар иборот ва фармудаҳои шаръ тасреҳ шуда; б) ибоҳати он ба тариқи рафъи ишкол аз феъли он собит шуда, ба мисли ин фармудаи Худованд: **«Бар шумо гуноҳе нест, ки (дар рафти баргузории фаризаи ҳаҷ) аз фазли Парвардгоратон биҷӯед – тиҷорат кунед!»** (Бақара, 2: 198). Пас собит шуд, ки дар аснои баргузории фаризаи ҳаҷ тиҷорат кардан мубоҳ ва раво аст; в) ибоҳати ашё ва умуре, ки ба ирода ва андешаи худи инсон дар арсаҳои гуногуни зиндагиаш вогузор гардида, шариат дар бораи онҳо

[1] Ибоҳат ар. اباحة/اباحه, дар луғат ба маънои зоҳир сохтан, эълон кардан ва гоҳе ба маънои иҷозат додан ва раво доштан низ омадааст ва дар фиқҳ ҳукми шаръие, ки ба ваҷҳи талаб набуда, балки барои тахйир байни анҷом додан ва тарк кардан (анҷом надодан)-и феъл – коре аст. Ҷумҳури уламо иттифоқи назар доранд, ки ибоҳат – мубоҳ будан ҳукми шаръӣ аст, ба ин маъно ки тахйир – мухайяр ё ихтиёрӣ будани ҳар ду ҷониби кардан ва накардани коре бо хитоб ва иҷозат (Licence)-и шореъ собит шудааст, бинобар ин, аз аҳкоми шаръӣ ба шумор меравад.

назари хоссе надодааст, яъне онҳоро ҳамчунон маскут боқӣ гузоштааст. Пас онҳо бино бар асли бароат ва ибоҳати ашё барои инсон мубоҳ ва ҷоиз ҳастанд.

Гарчи барои анҷоми феъли мубоҳ савоб ё итобе аз сӯи шаръ пешбинӣ нашуда, вале гоҳе иштиғол ба он мусталзими тарки воҷибе мегардад, ба мисли хӯрдан ва нӯшидан дар вақти намоз, то замоне, ки он фавт гардад. Анҷом додани ин мубоҳ фи нафсиҳи мӯҷиби иқобе нест, вале феъли он ба сурате, ки мусталзими тарки воҷиб гардад, мӯҷиби иқоб аст.

8. Ҳалол дар луғат ба маънои раво, ҷоиз ва мубоҳ ва дар шаръ он чизест, ки дар Китоб ва Суннат бо сабаби ҷоиз ва мубоҳе раво дониста шудааст, муқобили ҳаром.[1] Ҳалол ба ин таъриф мандуб, мубоҳ ва макрӯҳро ба таври мутлақ назди ҷумҳур ва танзеҳиро назди фуқаҳои ҳанафӣ, аз ҳайси ҷавози анҷом ва шаръан мамнӯъ набудан ва бо риояи руҷҳони феъл дар мандуб, баробар будани феъл ва тарк дар мубоҳ ва руҷҳони тарк дар макрӯҳ, шомил мегардад.

Ҳалол ва ҳаром ба баййин – ошкор ва зоҳир ва ғайрибайин – ноошкор ва ғайри зоҳир ҷудо мешаванд. Ҳалоли зоҳир он чизест, ки аз Худои таъоло ва паёмбараш (с) дар бораи ҳалол буданаш насси сареҳ собит шуда ё мусулмонон бар ҳалол донистани айн ё ҷинси он иҷмоъ намудаанд ва ҳароми зоҳир он аст, ки ҳаром будани айн ё ҷинси он бо насси сареҳ ё иҷмои мусулмонон собит шудааст. Ҳалол ва ҳароми ғайри зоҳир он аст, ки далоили собиткунандаи ҳилл ё ҳурмати[2] он ба андозаи далоили навъи аввал зоҳир ва рӯшан набошанд.

Адиллаи собиткунандаи ин навъи ҳалол ва ҳаром аз далоиле ҳастанд, ки ба сӯи ҳар ду тарафи ҳилл ва ҳурмат кашиш ва ҳамсонӣ дошта, ба маонӣ ва сабабҳое пайванд хӯрдаанд, ки ҳеҷ тарафе аз ҳиллу ҳурмат дар онҳо ба таври сареҳ ошкор ва собит нашудаанд ва ба онҳо умури муштабаҳ (-ун биҳо) гуфта мешавад, ки онҳоро аз баъзе вуҷуҳ дадели ҳалол будан ва аз баъзе вуҷуҳ далели ҳаром будан таъйид мекунад. Ин аст, ки имом Аҳмад , Исҳоқ ибни Роҳуя ва дигарон умури муштабаҳро ба он чи дар ҳиллу ҳурмати он ихтилоф шуда, тафсир кардаанд, ба мисли пӯшидани пӯсти ҳайвоноти даранда. Имом Аҳмад дар баъзе мавридҳо онро бо ба ҳам омехтани ҳалолу ҳаром тафсир кардааст ва ҳукми чунин чизе назди бисёре аз уламо он аст, ки ба миқдори ҳаром аз он берун карда ва бақияи ҳалоли онро мехӯрад, хоҳ ҳаром дар байни он кам бошад ё бисёр. Муомила бо касе, ки ба моли ӯ ваҷҳи ҳароме омехтааст, аз умури муштабаҳ аст ва бо вуҷуде, ки муомила бо вай ҷоиз аст, вале таркаш ба эҳтиёт ва тақво наздиктар аст.

Аз ҳар се навъ: ҳалоли сареҳ, ҳароми сареҳ ва умури муштабаҳ (-ун биҳо) маънои мушаххасе бардоштан низ имкон дорад. Зеро ҳар чизе, ки феъли он бо насс ё иҷмоъе собит шуда, он ҳалол, ҳар чизе, ки манъи он ба таври қатъӣ – бо насс ё иҷмоъе собит шуда, он ҳаром ва он чи маскутун анҳ гузошта шуда ва дар бораш чизе наёмада ё ду насс ва далели собиткунандаи он бо ҳам дар таоруз бошад ва мутааххири аз онҳо дониста нашавад, аз умури мушбаҳун биҳ аст. Мурод аз таорузи ду насс ё далел тақобули онҳо бар ҷиҳати воҳида дар тарҷеҳ нест, ки ин танақуз дар калом аст, балки таорузе аст, ки шахс дар нигоҳи аввал ва пеш аз таҳқиқ онҳоро муқобили ҳам меҳисобад.

Тибқи фармудаи расули акрам (с): ***«Ҳалол ошкор ва ҳаром низ ошкор аст ва дар миёни онҳо корҳое муштабаҳ ва норавшан вуҷуд***

---

[1] Вожаи ҳалол, авзони мухталифи феълӣ ва муштаққоти он 56 бор дар Қуръон ба маонии вокардани гирех, кушодани мушкил, фуруд омадан, ҳалол будан, ҳалол гардонидан, фуруд овардан, ҳалол – биҳил кардан ва ҳалол шудан ба кор рафтаанд: **«Гирех аз забони ман боз кун ва забонамро бикушо!» (Тоҳо, 20: 37), «Ҳар кӣ ғазаби Ман бар ӯ фуруд ояд, дар ҳақиқат, фурӯ афтодааст»** (Тоҳо, 20: 81), **«Вақте ҳалол гаштед – аз эҳром берун омадед, пас сайд – шикор кунед!»** (Моида, 5: 2); **«Худо байъро ҳалол гардонида ва риборо ҳаром»** (Бақара, 2: 275), иҳлол дар ин оят ба маънои ҳалол гардонидан ва рафъи мамнӯият кардан аст; **«Ва занони писаронатон, ки аз пушти худатон ҳастанд»** (Нисо, 4: 23), манзур аз ҳалоил ҷамъи ҳалила, занони писарон ҳастанд, ки барои онҳо ҳалол ва барои падаронашон маҳраманд; **«Худо барои шумо таҳиллаи аймон – ҳалол гаштан аз савгандҳо ва боз шудани онҳоро фарз гардонида»** (Таҳрим, 66: 2), ки мурод аз он каффорат аст.

[2] Ҳилл ар. حـل, масдар ба маънои ҳалол будан аст. Дар гуфтугӯи мардумӣ маҷозан бо пешванди «би» ба сурати биҳилл (بحلّ) кардан ба маънои бахшидан, аз кӯтоҳӣ, гуноҳ ва бадиҳои касе гузаштан ва онҳоро афв карда ва биҳил хостан ба маънои бахшиш ва афв хостан, ки одатан пеш аз марг ба кор равад. Ҳурмат ар. حرمة/حرمت, ба маънои ҳаром будан ва ҳаромии чизеро донистан аст.

доранд, ки бисёре аз мардум онҳоро намедонанд. Касе аз ин умури муштабаҳ парҳез ва дурӣ намояд, барои дин ва обрӯи худ покиро дар пеш гирифта ва касе дар шубҳаҳо биафтад, дар ҳаром низ меафтад, ба мисли чупоне, ки (гӯсфандонашро) дар атрофи мамнӯъгоҳе чаро медиҳад ва наздик ё эҳтимол аст, ки дар он (мамнӯъгоҳ) биафтад ва ба он дарояд ...» ва дар ривояти дигар: ***«Касе аз гуноҳи машбуҳ ва норавшан канора гирад, аз гуноҳони ошкор канорагиртар аст ва касе бар гуноҳе, ки дар он шакке дошта, ҷасорат ва бебокӣ намояд, пас наздик ё эҳтимол аст, ки дар гуноҳи ошкор зудтар биафтад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 52, 2051; Саҳеҳи Муслим, 4070–73 (1599)-107–198), умури муштабаҳ ё гуноҳони ғайри сареҳро бисёре аз мардум намедонанд.[1]

Ҳукми умури муштабаҳро уламо бо руҷӯъ ба нассе аз Китоб ё Суннат ё ба иҷмоъ ва ё ба ёрии яке аз васоили иҷтиҳодӣ, ба мисли қиёс, истеҳсон ва ғ. дармеёбанд ва ин қисмат ба ҳавзаи кори иҷтиҳодии онҳо тааллуқ дорад. Масоил ва умури муштабаҳе, ки уламо дар бораи ҳилл ё ҳурмати онҳо аз сарчашмаҳои аввали шаръ насс ё иҷмоъе наёфта, балки ба тариқи иҷтиҳод яке аз далоили мутаоризро дар мавриди онҳо бар дигаре тарҷеҳ ва бар асоси он ҳукме дода бошанд, он ҳукми онҳо эътибори шаръӣ пайдо мекунад. Вале гоҳе далели тарҷеҳдодаи онҳо аз эҳтимол холӣ нест, бинобар ин, тарки он ба рӯҳи тақво наздиктар аст.

Айнӣ дар Шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ пас аз шарҳи ҳадиси мазкур ва зикри ақволи муҳаддисон дар бораи он мефармояд: Аз он чи гузашт, ба ин натиҷа мерасем, ки дар бораи умури муштабаҳе, ки дар ҳадис зикр шуда ва иҷтиноб аз онҳо зарур аст, ақволи зиёде гуфта шудааст. Яке ин ки қисмате аз онҳо умуре ҳастанд, ки ба сабаби таорузи далоилашон муштабаҳ гаштаанд. Пас дар мисли чунин корҳо таваққуф воҷиб аст, то яке аз далоили мутаориз бар дигаре ба василаи уламои коршинос тарҷеҳ дода шавад ва шубҳа аз онҳо бартараф гардад, зеро иқдом ба яке аз онҳо, дар ҳоле ки ҳанӯз руҳҳони он муайян нашуда, бе далел ва ҳаром аст. Дуюм, макрӯҳот ҳастанд, ки мавридҳои ихтилофи уламо дар онҳо дохил мебошанд.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Он чиро Худованд дар китоби Худ ҳалол гардонида, ҳалол ва он чиро ҳаром гардонида, ҳаром аст ва он чиро аз вай сукут карда, пас он офият аст (ва) аз Худо офиташро қабул намоед, ки Худо фаромӯшкор набуда!»*** (Маҷмаъу-з-завоид, 794). Дар ҳадиси мавқуфе низ омадааст: ***«Худованд фароизро фарз гардонида, пас онҳоро зоеъ насозед ва ҳаромҳоро ҳаром гардонида, пас пардаи онҳоро надаред ва ҳудуде ҷорӣ дошта, пас онҳоро таҷовуз нанамоед ва чизҳоеро, бе нисён, сокит монда, пас дар бораи онҳо наҷӯед!»*** (Сунани Дорақутнӣ, 4350). Аз ин ду ҳадис бармеояд, ки ашёи маскутун анҳ аз умури муштабаҳ набуда, ки иҷтиноб аз онҳо хуб ва ё зарур аст, балки ба хотири афзудан бар офияти мардум дар бораи онҳо ҳукме нозил накардааст. Аммо умури муштабаҳ, корҳое ҳастанд, ки пеш аз донистани ҳукми онҳо ва пас аз он низ иҷтиноб аз онҳо хуб ва зарур аст.[2]

9. Исоат ар. إساءة/سائت, дар луғат ба маънои бад, бадӣ ва бадрафторӣ кардан ва ё хуб накардан аст, ки дар ҳар ришатае аз кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои шаръӣ бо тобиши маъноии хоссе бозтоб меёбад, ба монанди зулм кардан ва зарар расонидани яке аз завҷайн ба дигаре ва ё резонидани обрӯи қозӣ дар маҷлиси қазо.

Исоат агар дар бахши кафолатҳо ва баҳраҳои иҷтимоӣ ба сурати зиён додан ва зулму ситам ба дигарон бозтоб ёфта бошад, ғолибан ба ҳаққи шурб – истифода аз манбаи обӣ, ҳаққи роҳ ва ҳаққи ҷавор (ҳамсоягӣ) тааллуқ мегирад, агар дар бахши молӣ сурат гирифта бошад, назди фақеҳон дар боби ғасб, сирқат, итлофи мол ва замонати он мавриди баррасӣ қарор мегирад, агар аз ноҳияи обрӯ ба вуқӯъ омада бошад, дар мавзӯи саб – дашном, қазф – туҳмат ва ё зино бозгӯ мешавад ва агар дар нафс ва

[1] Ба гуфтаи Нававӣ, ашё се қисманд: а) Ҳалоли возеҳ, ки ҳалол будани он бар касе пӯшида нест, ба мисли хӯрдани нон, меваҳо, сухан гуфтан, роҳ рафтан ва ғ., б) ҳароми ошкор (ки он низ бар касе пӯшида нест), ба мисли хамр – шароб, хун, зино, дурӯғ ва ашёе ба монанди инҳо, в) аммо маънои муштабеҳот ин аст, ки ҳалол ё ҳаром будани онҳо возеҳ нест ва барои ҳамин бисёре аз мардум (ҳукми) онҳоро намедонанд (Умдатулқорӣ. – Ҷ. 1. – С. 465).

[2] Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 1, зайли мадхали «ҳалол»; ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-кувайтийя. – Ҷ. 18, зайли мадхали «ҳалол»; Айнӣ, Бадруддин Маҳмуд ибни Аҳмад. Умдатулқорӣ, шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 1. – С. 465–466. – Бейрут, 2001.

ҷаворех – узвҳои бадан буда бошад, дар боби ҷиноятҳо, ҷароҳатҳо ва ҷаримаҳо бозбинӣ мешавад.

Назди аиммаи усул он ба маънои хостаре ба кор рафта, мартабае байни қароҳати таҳримӣ ва танзеҳӣ ба шумор меравад ва поёнтар аз қароҳати таҳримӣ ва зишттар аз қароҳати танзеҳӣ аст. Исоат бо тарки суннатҳои муаккада ва исрор дар тарки суннатҳои ғайри муаккада сурат мегирад ва ба соҳиби он мусиъ (مسيء) – бадкарда, бадкора, бадкирдор ва беадаб гуфта мешавад.

Истилоҳоти адо, қазо ва иъода аз тавобеи аҳкоми таклифӣ, ба гуфтаи баъзе усулиён аз аҳкоми вазъӣ ва аз авсофи ибодотанд. Агар ибодат дар вақти муайяни шаръии худ ба ҷой оварда шавад, адо аст, агар баъд аз хуруҷи вақти муайяни шаръиаш, мувассаъ бошад ё музайяқ, ба ҷой оварда шавад, қазо аст ва агар дар вақти худ бо навъе халали ғайри муфсид ба ҷой оварда шавад, он гоҳ дубора дар худи ҳамон вақт ва ё берун аз он ба ҷой оварда шавад, он иъода аст.

10. Адо ар. أداء, дар луғат ба маънои пардохтан ва ба ҷой овардани ибодат, воҷиб, ҳуқуқ ва ё амале аст, ки ба зиммаи шахс тааллуқ гирифтааст, хоҳ вақти муайяне дошта бошад, ба монанди адои намозҳои фарз, хоҳ не, ба монанди адои закоти мол, пардохти ҳуқуққо ва дар истилоҳи ҷумҳури усулиён ба маънои анҷом додани аъмол ва воҷиботи диние аст, ки вақти онҳо фаро расидааст, пеш аз хориҷ шудани вақташон, хоҳ воҷиб буда бошанд, хоҳ мандуб. Он амалҳое, ки аз сӯи шаръ барои онҳо вақти муайяне пешбинӣ нашудааст, ба монанди нафлҳо, назри мутлақ ва закоти мол, назди ҷумҳури усулиён ба феъли онҳо адо ба маънои истилоҳии калима, ки дар муқобили қазо қарор дорад, гуфта намешавад, балки дар он маврид бо итлоқи луғавиаш, ки ба маънои ба ҷой овардан аст, корбурд мешавад. Аммо назди машоихи ҳанафӣ адо ба маънои анҷом додани айни он амалест, ки бо амри шаръ собит шудааст ва ба ҳар ду гуруҳи амалҳо, ҳам онҳое, ки мавқут ба вақте буда ва ҳам онҳое, ки мутлақ ҳастанд, итлоқ мегардад. Дар ҳар ду сурат маънои истилоҳии адо дар ибодатҳо ва он амалҳое, ки мавқут ба вақте ҳастанд, дар муқобили маънои истилоҳии қазо корбурд шудааст.

Тибқи таълимоти шаръ адо дар доираи корҳои марбут ба шаҳодат – шоҳид шудан ва гувоҳӣ додан ва ҳамин тавр пардохтани қарзҳо ва дигар ҳуқуқҳои собитшуда мавридҳои корбурдӣ дорад.

11. Иъода ар. إعادة/اعاده, дар луғат ба маънои баргардондани шайъ ба ҷои аввалаш ва бори дуюм ба ҷой овардани амал ва коре аст ва дар истилоҳи фақеҳон бори дигар ба ҷой овардани мисли амали воҷиб ва вазифаи шаръӣ дар вақташ ба сабаби пешомади узре ва ё ҳудуси халале ғайри муфсид дар феъли аввал аст, муқобили истиъноф ва қазо. Аз назари фақеҳон он амалҳое, ки аз сӯи шаръ барои адои онҳо вақти муайяне пешбинӣ шудааст, ба монанди намоз, рӯза ва ғ., вақте ба таври нотамом ва ноқис бо нақси ғайри муфсид ба ҷой оварда шаванд, иъодаи онҳо пеш аз баромадани вақташон воҷиб аст ва манзур аз ин иъода такмили нақси мавҷуд дар феъли аввал аст. Бо феъли аввал фарз адо шуда ва бо иъодаи мислаш нақси мавҷуд дар он бартараф сохта мешавад. Нақс ва ё халали ғайри муфсид бо тарки воҷибе аз воҷибот ва ё анҷоми макрӯҳи таҳримие ба амал меояд.

Ба гуфтаи Ибни Обидин дар Рад(д) дар чунин ҳолат пас аз гузашти вақт низ иъода дуруст ва воҷиб аст ва он қазо ба шумор намеравад.[1] Зеро (асли) он дар вақташ ба ҷой оварда шуда (ва иъодааш пас аз вақт сурат гирифта)-аст. Агар нақс ва халали рӯйдода муфсиди амал бошад, ба ин сурат ки рукне аз аркон ва ё шарте аз шурути сиҳҳати он тарк ва ё вайрон шуда бошанд, он амал ба куллӣ фосид ва ё ботил мегардад ва бояд аз сар ба ҷой оварда шавад. Иъодаи он дар вақташ истиъноф ва анҷоми мустақил ба шумор меравад, на такмили нақс ва агар вақташ фавт гардад, пас аз вақт ба сурати қазо ба ҷой оварда мешавад, ба монанди шахсе, ки ба ҳангоми вузӯ яке аз узвҳои вузӯро нашӯяд ва ё масҳи сарро тарк кунад ва ҳамон тавр намоз гузорад, намозаш фосид аст ва бояд онро аз сар ва бо вузӯи комил гузорад. Инро дар истилоҳи фуқаҳо истиъноф мегӯянд, на иъода.[2]

Иъодаи амал гоҳе на барои такмили нақсе

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 629-632.

[2] Истиъноф ё истийноф – فاستئناف/فاستيناف, аз сар гирифтан – аз сар ба ҷой овардани ибодате, ки бо амал ё нақсе ботил ва фосид гаштааст, муқобили иъода ва қазо.

дар феъли аввал, балки бо сабаби шаръие, ба монанди ҳусули савоби бештар низ сурат мегирад, ки он мустаҳаб аст, ба монанди танҳогузоре, ки пас аз адои намозаш ба ҷамоате мерасад ва барои ҳусули савоби бештар намозашро бо ҷамоат иъода мекунад. Аммо агар амал бо сабаби ғайри шаръӣ иъода шавад, каро̆ият дорад, ба мисли иъодаи азону қомат барои намози иъодашуда.

12. Қазо ар. قضاء, дар истилоҳи фуқаҳо ба ҷой овардани ибодат ва амале воҷиб пас аз гузаштани вақти шаръии он ба унвони иваз ва ҷуброни он, ба монанди намозҳои фарзӣ ва рӯзаи моҳи рамазон, ки дар вақти муқаррарии худ ба ҷой оварда нашуда, пас аз гузаштани вақташон ба ҷой оварда шаванд.

Бино бар ин таъриф: а) ибодатҳо ва амалҳои нофила, ба монанди намозҳо ва рӯзаҳои нафлӣ, чун воҷиб нестанд, агар фавт шаванд, қазое надоранд, б) воҷиботе, ки мавкут ба вақти шаръие нестанд, ба монанди назри мутлақ ва закоти мол назди ҷумҳури усулиён қазо надоранд ва ба ҷой овардани онҳо ҳамеша адо ба шумор меравад, аммо назди машоихи ҳанафӣ қазо ба ин навъи воҷибот низ тааллуқ мегирад. Дар баробари қазо истилоҳи адо ва иъода қарор дорад.

13. Каффорат ар. كفّارة/كفّاره/كفّارت, сиғаи муболаға ва аз решаи кафара ба маънои нек пӯшонанда ва ниҳоят маҳвкунанда бошад ва дар таъбироти қуръонӣ ҳар амал ва коре аст, ки осори гуноҳи бандаи муъмин бо он назди шаръ ночиз – маҳв ва пок сохта шавад, аз қабили садақа, рӯза, озод кардани банда ва монанди инҳо.[1] Каффорат дар таълимоти ислом барои маҳви осори гуноҳи вайрон намудани раванди иҷро (протседура)-и ибодатҳо ва ё ҷуброни гуноҳони ахлоқие пешбинӣ шуда, ки аз сӯи шаръ барои онҳо ҳад[2] ва ҷазое пешбинӣ нагардидааст, ба монанди каффорати вайрон намудан – хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон дар ибодатҳо ва каффорати шикастани савганд, каффорати зиҳор ва ғ. дар умури ахлоқӣ ва ё барои ҷуброни ҷиноят иҷтимоие, ки бар асари он осеб ва зарар бар ҷомеа ва нафси инсонӣ ворид шудааст, ба монанди каффорати қатли ғайри амдии нафс.[3]

Аз назари фуқаҳои ҳанафӣ дар каффорат ҳам маънои иқоб ва ҳам маънои ибодат вуҷуд дорад, зеро он ба ҳайси муҷозот дар баробари иртикоби аъмоле пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо маънои мамнӯият вуҷуд дошта ва бо анҷоми амалҳое, аз қабили садақа, рӯза, озод сохтани банда ва монанди инҳо адо меёбад, ки ҳама ибодат ва аз ҷумлаи қурбатҳо ҳастанд, магар каффорати хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон, ки бар он ҷанбаи уқубат ва каффорати зиҳор, ки бар он ҷанбаи ибодат ғолиб аст. Бинобар он ки дар каффорат маънои ибодат вуҷуд дорад, адои он бе ният дуруст намегардад. Карам бину лутфи Худовандгор, ки барои мавҳи осори бадӣ аз банда чорае салоҳ дида, ки бо он ҳам осори гуноҳ пок гардад, ҳам ба сурат ибодат пазируфта шавад!

Умуре, ки барои онҳо дар шаръ каффорате ба сурати садақа, гирифтани рӯза ва монанди инҳо пешбинӣ шуда, бар панҷ навъанд: а) каффорати шикастани савганд, б) каффорати бо узр тарон

[1] Форсиён лафзи каффоратро бо тахфиф низ: кафорат оранд ва бо масдарҳои кардан, доштан ва шикастан корбурд намоянд.

[2] Ҳад (ҷамъаш ҳудуд) дар луғат ба маънои ҳоил миёни ду чиз, канора ва интиҳои чизе, марз, андоза ва тезии дами теғ омада ва дар истилоҳи баъзе улум ба маънои таърифи чиз ба сифоти зотиаш аст. Ҳад дар корбурдҳои қуръонӣ ба ду маъно омадааст, яке ба маънои ойинҳо, равишҳо ва суннатҳо, яъне маҷмӯаи авомир ва навоҳии шаръ, ки ба манзалаи марзҳои маҳорими Худованд ҳастанд ва дар оятҳои зиёде аз таҷовуз – гузаштан аз ҳудуди Худованд наҳӣ шудааст. Дуюм, ба маънои муҷозот ва сазоҳое аст, ки бо насси қатъие дар шаръ барои ҷиноят ва гуноҳоне пешбинӣ шуда ва он танбеҳи баданӣ ва миқдораш собит ва қатъӣ аст, яъне ҳадди аксар ва акал надорад. Дар матн мурод аз ҳад маънои дуюми он аст.

[3] Каффорате, ки барои зарари воридшуда бар нафс ва ҷомеа пешбинӣ шудааст, илова бар диятест, ки ба шахси зиёндида ё ворисони вай дода мешавад. Қуръони карим мефармояд: **«... ва касе муъминеро аз рӯи хато бикушад, пас озод кардани гардан (банда)-и муъмин ва дияти таслимшуда ба аҳлаш аст, магар ин ки (онро) бибахшанд. Агар (шахси мақтул) аз қавме бошад, ки бароятон душман аст ва ӯ (худ) муъмин буда, пас озод кардани гардани муъмине ва агар аз қавме бошад, ки байни шумо ва байни онҳо паймоне (доир) аст, пас дияти таслимшуда ба аҳлаш ва озод кардани гардани муъмине аст. Касе (қудрати озод кардани гарданеро) наёбад, пас рӯза доштани ду моҳ паёпай аст (ва ин) тавбае аз (сӯи) Худо бошад ва Худо донову ҳаким аст»** (Нисо, 4: 92). Дар ин оят илова бар дияте, ки барои қатли нафс аз рӯи хато пешбинӣ шуда, каффорате низ барои ҷуброни зиёне, ки ба сабаби он ба ҷомеа мерасад ва низ ба хотири пазириши тавбаи қотил аз сӯи Худо ва афви Ӯ бозгӯ шудааст.

шидани мӯи сар дар ҳаҷ дар ғайри вақти ҳалқ, в) каффорати қатли ғайри амдӣ, г) каффорати зиҳор, д) каффорати хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон. Чаҳор навъи аввали ин каффоратҳо бо Китоб ва навъи ахир бо Суннат собит шудааст.

Каффорати шикастани қасам иборат аст аз як банда озод кардан ё се рӯз рӯза доштан ва ё даҳ мискинро таом додан ва ё кисват – либос пӯшонидан, каффорати хӯрдани рӯза иборат аст аз озод кардани як банда ё паёпай рӯза доштани ду моҳ ва ё таом додани шаст мискин.

Рафти иҷрои каффоратҳо бар асоси муқаррароти шаръ ба се навъ: а) муайяни мураттаб аз рӯи вуҷуб, б) муайяни мухайяр, в) муайяни гоҳ мухайяр ва гоҳе мураттаб пешбинӣ шудааст. Каффорати муайяни мураттаб аз рӯи вуҷуб он аст, ки аз сӯи шаръ худи он барои рафъи осори гуноҳ ва ё ҷуброни нақси амал пешбинӣ шуда ва чизи дигаре ҷойнишини он шуда натавонад ва ин навъ каффороти қатли ғайри амдӣ, зиҳор ва шикастани рӯзаи моҳи рамазонро шомил бошад.

Ин навъи каффорат бояд ба ҳамон тартибе, ки дар Қуръон зикр шуда, ба ҷой оварда шавад, ки дар дараҷаи аввал озод кардани як банда, дар сурати муяссар набудани он паёпай рӯза доштани ду моҳ ва дар сурати муяссар набудани он таом додани шаст мискин аст, агар навъи аввали каффорат дар имкон бошад, гузаштан ба навъи дуюми он ҷоиз набошад ва агар навъи дуюми он дар имкон бошад, гузаштан ба навъи сеюми он ҷоиз набошад.

Каффорати муайяни мухайяр иборат аст аз каффорати тарошидани мӯи сар дар ҳаҷ, ки аз байни се навъ муайянгардида барои каффорат – рӯза, садақа ва забҳ кадомеро адо намояд, ҷоиз аст ва риояи тартиб дар байни онҳо шарт нест.

Навъи сеюм каффорати савганд шикастан аст, ки он ба иродаи каффоратдиҳанда мавкул аст, метавонад даҳ мискинро таом диҳад ё либос пӯшонад ё як бандаро озод созад ва ё се рӯз рӯза дорад.

Бар пояи таълимоти ислом илова бар ончи гуфта шуд, ибодатҳо, садақа, афву гузашт, тавбаву истиғфор ва дигар аъмоли хайр ва зикру дуоҳо каффоратҳои маънавӣ барои маҳви гуноҳон ва иксири поксози сафҳаи аъмоли банда дониста шудаанд.

Аҳкоми вазъӣ, ки ба афъоли мукаллафон аз рӯи сабабият, шартият, монеият, сиҳҳат ва ё бутлон тааллуқ мегиранд, иборатанд аз:

14. Саҳеҳ ар. صحيح, дар луғат ба маънои солим ва холӣ будани амал аз ҳар айбу нақсе ва дар истилоҳи уламои усул васф ва ё вазъе дар аъмол аст, ки тамоми рукнҳо ва шартҳои пешбининамудаи шаръ дар он фароҳам омада бошанд. Саҳеҳ дар ибодатҳо ба маънои мувофақати он ба меъёрҳо ва талаботи пешбиникардаи шаръ аст, то аз зиммаи банда соқит гардад ва дар муомилот ба маънои анҷоми он ба сурате аст, ки аз он осори шаръӣ-ҳуқуқӣ ҳосил шавад.[1]

Сиҳҳат дар истилоҳи фиқҳ ба маънои мувофиқати амал ба меъёрҳо ва муқаррароти пешбининамудаи шаръ барои анҷоми аъмол аст.

Ғайри саҳеҳ он амал ва ё вазъе дар аъмол аст, ки рукнҳо ва шартҳо (талабот)-и муайянкардаи шаръ дар он фароҳам наомада бошанд.

Ибодатҳо ё саҳеҳ мешаванд ё ғайри саҳеҳ ва ибодати ғайри саҳеҳ ботил ва фосид ҳар дуро дар бар мегирад, яъне ботил ва фосид дар боби ибодатҳо ба як маъно мебошанд. Вақте мегӯянд намоз фосид шуд, ин ба маънои аз асл ботил гардидани он аст ва манзур аз муфсидоти намоз ҳамон ботилкунандаҳои намоз аст. Аммо дар боби муомилот ботил аз фосид фарқ мекунад.

15. Ботил ар. باطل, амалест, ки дар асос ва моҳияти аслии он халале ворид шуда ва он аз асл бекор аст ва ҳеҷ ҳукм ва асоси шаръӣ-ҳуқуқие дар натиҷаи он ба вуҷуд наомадааст. Ботил будан ба маънои мухолафати амал бо талаботи шаръ дар асл ва ҷавҳари он аст. Мас., хариду фурӯш ва ҳар

[1] Назди фуқаҳо субути ҳукми сиҳҳат барои феъл – амал аз ҳайси тааллуқи мақсадҳои дунявӣ ба он арзёбӣ шудааст. Бинобар ин, ҳар феъле, ки фарогири тамоми аркон ва шароити он бошад, яъне ба сурате воқеъ шуда бошад, ки ба мақсуди дунявӣ дар он – ибро (холӣ сохтан)-и зимма бирасонад ва аз зиммааш суратан соқит шавад, он саҳеҳ ба шумор меравад. Манзур аз мақсадҳои дунявӣ дар ин мақула иброи зимма, яъне анҷоми феъл ба тарзе аст, ки завоҳир ва сувари машрӯаи аҳкоми шаръ дар он адо ёбанд. Ин амр барои субути ҳукми сиҳҳат барои феъле аз ибтидо ба эътибор ва мақсуд қарор мегирад, вале биттабаъ аз он мақсуди ухравӣ – савоб ва аҷру подоши ҳосилшуда барои охират низ, вақте ҷомеи шароити зоҳирӣ ва маъноӣ бошад, ҳосил мешавад. Субути ҳукми бутлон ё фасод барои феъле низ аз ҳамин виҷҳа – тааллуқи мақсадҳои дунявӣ ба он арзёбӣ шудааст.

гуна тасарруфоти молии шахси девона ва кӯдак аз асл ботил аст, яъне баста нашудааст.

16. Фосид ар. فاسد, он амалест, ки дар яке аз васфҳо ва ё шартҳои такмилкунандаи он халале ворид шудааст, на дар рукнҳо ва асоси он. Вақте рукнҳо ва асоси он таҳаққуқ ёфта бошанд, пас он аз асл ботил нест, вале дар яке аз васфҳои фаръии он халале ворид шудааст, ки аз дуруст гардидани он монеъ шудааст.

Пас ботил будан ба маънои мухолафати амал бо талаботи шаръ дар асл ва ҷавҳари он ва фосид будан ба маънои халалдор гардидани яке аз паҳлӯҳои фаръӣ ва ҳолатҳои такмилкунандаи он аст, яъне баъзе талаботи шаръ, ки шарти сиҳҳати он амал ба шумор мераванд, фосид – вайрон гардидааст.

Бинобар ин, дар сурати ботил гардидани амал ҳеҷ гуна осори ҳуқуқие аз он ба миён намеояд, вале дар сурати фосид гардидани он баъзе осори ҳуқуқӣ барои шахс ба вуҷуд меояд. Мас., никоҳи бешоҳид фосид мебошад ва бояд зану марде, ки бешоҳид тану нафси худро ба якдигар бахшидаанд, аз ҳам ҷудо сохта шаванд.

Дар ин ҷо никоҳи онҳо аз асл ботил нагаштааст, то ҳеҷ гуна осори ҳуқуқие барои онҳо надошта бошад, балки яке аз шартҳои он ки ҳузури шоҳид аст, халалдор гардидааст. Бинобар ин, онҳо аз якдигар ҷудо сохта мешаванд, зеро никоҳи онҳо ғайри саҳеҳ аст, вале пардохти маҳр бар мард ва поидани идда бар зан воҷиб мебошад, ҳамчунин агар аз онҳо фарзанде ба дунё ояд, насабаш аз онҳо собит мешавад.

Дар ин ҷо агар бе сиғаи ақд, яъне бе иҷоб ва қабул, ки рукни асосии никоҳ ба шумор меравад, ҳаёти заношавҳарӣ барпо намоянд, ин амали онҳо аз асл ботил ва хилофи муқаррароти шаръ буда, ҳеҷ гуна осори ҳуқуқиеро, ба монанди вуҷуби маҳр, субути насаб ва ғайра барои онҳо ба вуҷуд намеоварад, балки баръакс, алоқаи номашрӯъи онҳо зино ба шумор рафта, мавриди муҷозоти шаръ ва иқомаи ҳад қарор мегиранд.

Сиҳҳат, фосид ва ботил ба тарзи иҷрои амалҳо ё ба фароянди дастрасӣ ба мақсадҳои дунявӣ дар онҳо таалluқ доранд ва онҳоро набояд бо ҳалолу ҳаром, мубоҳ ва дигар аҳкоми таклифӣ ба як маъно донист.[1] Зеро онҳо аҳкоми таклифӣ ва инҳо – сиҳҳат, фосид ва ботил, ба гуфтаи аксари муҳаққиқон, аз тавобеи аҳкоми таклифӣ ва ба гуфтаи баъзеашон, аз тавобеи аҳкоми вазъии шаръ ҳастанд, хоҳ анҷом додани онҳо барои банда мубоҳ ва ҷоиз бошад, ба монанди қарордоди хариду фурӯш, ақди никоҳ ва ғ. ва ё аз ҷумлаи воҷибот ва вазоифи шаръӣ бошад, ба монанди намоз, рӯза ва ғ., ки бар зиммаи ӯ фарз мебошанд ва мумкин аст шахси мукаллаф онҳоро ба таври саҳеҳ ба ҷой оварад ва ё фосид ва ботил гардонад.

Ҳаром бар корҳои мамнӯъ ва дар шаръ наҳйшуда итлоқ мешавад ва аз аҳкоми таклифӣ аст ва фосид ва ё ботил шудани амал ба маънои дар асл ҳаром ва мамнӯъ будани он аз назари шаръ нест.

17. Шарт ар. شـــرط, дар луғат ба маънои лозим гардонидан ва лозим шудани чизе ё амале ва ё фароҳам омадани заминаи он аст ва шароит ҷамъи шарита низ ба ҳамин маъност. Аммо дар истилоҳ ба он амр ва ё чизе шарт гуфта мешавад, ки аз адами он адам лозим меояд ва аз вуҷудаш на вуҷуд ва на адами лизотиҳи лозим меояд ва ба гуфтаи Байзовӣ дар Минҳоҷ шарт он чизест, ки таъсири муассир ба он бастагӣ дорад, на вуҷудаш. Шарт эътибори хориҷие ба ҳайси заминаи амал ва ё чиз аст, на ба мисли рукн бахши таркибӣ ва ҷузъи моҳияти шайъ.

Шарт ба ду қисм: шарти маҳз (холис) ва шарти ғайри маҳз ҷудо мешавад. Шарти маҳз он аст, ки бо тахаллуф ва адами вуҷудаш вуҷуди иллат мумтанеъ мегардад ва бо вуҷудаш иллат низ мавҷуд мегардад ва дар ин ҳолат вуҷуди он ба шарт изофа мегардад, на вуҷубаш, ба монанди таҳорат, ки шарти сиҳҳати намоз аст. Вақте он ба вуҷуд ояд, иллати сиҳҳати намоз ҳосил мешавад ва агар он мавҷуд набошад, ил-

[1] Фуқаҳо дар ин маврид ихтилофи назар доранд. Ба гуфтаи соҳиби «Талвеҳ», аксари муҳаққиқон онҳоро ба аҳкоми панҷгонаи таклифӣ роҷеъ донистаанд ва баъзеашон он-ҳоро аз хитоби вазъ, яъне мутааллиқ ба аҳкоми вазъӣ шумурдаанд (Танқеҳу-л-усул маъа шарҳиҳи-л-мусаммо би-т-Тавзеҳ маъа-т-Талвеҳ. – Ҷ. 2. – С. 256 – 257; Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 2. – С. 1062–1066, зайли мадхали «сиҳҳат»).

Гарчи аксари муҳаққиқон сиҳҳат, бутлон ва фасодро ба аҳкоми таклифӣ роҷеъ донистаанд, вале аҳкоми таклифии панҷгона – вуҷуб, ҳурмат ва ғ.-и инҳоро аз мақсадҳои ухравие, ки ба афъол тааллуқ мегиранд ва сиҳҳату бутлон ва фасодро аз мақсадҳои дунявии мутааллиқ ба онҳо шумурдаанд.

лати он – сиҳҳати намоз мумтанеъ мегардад.

Шартҳои маҳз ба шартҳои шаръӣ ва қарордодӣ тақсим мешаванд:

а) Шартҳои шаръӣ аз умуре иборатанд, ки шореъи ҳаким барои адои таколифи шаръӣ онҳоро шарт ва лозим донистааст ва ба шартҳои вуҷуб, шартҳои сиҳҳат, шартҳои лузуми адо ва шартҳои инъиқод тақсим мешаванд: 1. Шартҳои вуҷуб аз умуре иборатанд, ки бо фароҳам омадани онҳо таколифи шаръӣ бар шахси мукаллаф воҷиб мегарданд, ба монанди булуғ ва ақл, ки шарти вуҷуби намоз мебошанд; 2. шартҳои сиҳҳат аз умуре иборатанд, ки бо мавҷудият ва фароҳам омадани онҳо амал ва таклифи шаръӣ аз мукаллаф саҳеҳ – дуруст мегардад; 3. шартҳои лузуми адо аз умуре иборатанд, ки бо вуҷуди онҳо адои амал ва таклифи шаръӣ бар шахс лозим мегардад, ба монанди иститоати молӣ барои лузуми адои фаризаи ҳаҷ; 4. шартҳои инъиқод аз аҳлияти шахс барои тасарруф дар умур ва салоҳияти маҳал барои қабули ақд иборатанд, ба монанди адами маҳҷурият дар шахс, ки шарти сиҳҳати инъиқод – баста шудани қарордодҳои молӣ ва тасарруфот ба шумор меравад.

Бинобар ин, агар яке аз ин шартҳо мавҷуд набошад, ҳукми чиз ё амали машрут – вобаста ба он низ шаръан собит намегардад, яъне бо адами мавҷудияти яке аз ин шартҳо адами субути ҳукми чиз ё амали машрут бар он лозим меояд. Агар яке аз шартҳои вуҷуб маъдум бошад, ба маънои он аст, ки он амал ё чиз ҳанӯз бар шахси мукаллаф шаръан воҷиб нагаштааст, агар яке аз шартҳои сиҳҳат маъдум бошад, анҷоми он амал аз шахс саҳеҳ намегардад, агар яке аз шартҳои лузуми адо мавҷуд набошад, адои он амал ҳанӯз бар мукаллаф лозим нагаштааст ва агар яке аз шартҳои сиҳҳати инъиқод мавҷуд набошад, тасарруф ва амали шахс аз асл ботил аст, ҳеҷ гуна ҳукм ва осори шаръие аз он собит намегардад.

б) Шартҳои қарордодӣ аз умур ва эътибороте иборатанд, ки шахси мукаллаф дар қарордодҳо ва тасарруфоти худ ба миён мегузорад, ба монанди шартҳое, ки дар хариду фурӯш, иҷора, ваколат, никоҳу талоқ ва ғайра гузошта мешаванд. Ин шартҳо дар навбати худ ба ду навъ: таълиқӣ ва тақйидӣ ҷудо мешаванд. Бахше аз шартҳои навъи аввал такрорро тақозо мекунанд ва ҳар боре шарт такрор ёбад, машрут ҳам ҳатман такрор меёбад, ба монанди фармудаи Худованд: **«Агар ҷунуб буда бошед, пас худро хуб пок созед!»**,[1] яъне ҳар боре ҷанобат такрор ёбад, поксозӣ ва ғусл ҳам бояд такрор ёбад.

Шартҳои навъи дуюм бештар тасарруфоти шахси мукаллафро дар бар мегиранд, ба монанди ин ки шахсе бигӯяд: Қисмате аз мол ва ё хонаамро барои фарзанди толибилмам вақф кардам.

Ин шартҳо эътиборан боз ба се навъ тақсим мешаванд:

1. Шартҳое ҳастанд, ки ба фармудаҳои шаръ ҳеҷ гуна мунофоте надоранд, балки баръакс, мукаммили шартҳо ва эътибороти он ба шумор мераванд ба монанди ин ки қарздиҳанда бар қарзгир додани раҳн ва ё овардани кафилеро шарт гузорад.

2. Шартҳое, ки бо моҳияти амал ва ё чизи шартшуда созгор набошанд, балки бар хилофи табиат ва муқтазои он бошад, ба монанди ин ки мард дар ақди никоҳ адами нафақа бар ҳамсарашро шарт гузорад.

3. Шартҳое, ки ба фармоишоти шаръ мунофоте надоранд ва дар онҳо манфиати яке аз тарафҳои қарордод ва ё ҳар ду тараф ва ё манфиати шахси сеюме дар назар гирифта шудааст, вале худи ақд онро тақозо намекунад. Аз ин рӯ, маълум нест, ки бо моҳияти он созгор аст ё не. Мас., шахсе хонаашро ба ин шарт фурӯшад, ки пас аз баста шудани қарордоди хариду фурӯш муддате дар он сукунат намояд. Дар бораи ин шарт дар байни фақеҳони уммат назарот игуногуне вуҷуд дорад.

Шартҳои қарордодӣ ба шартҳои саҳеҳ ва фосид тақсим мешаванд. Шарти саҳеҳ он аст, ки дар зимни ин қоидаи умумӣ шомил бошад: а) он сифате мавҷуд дар маҳалли ақд ба ҳангоми баста шудани қарордод буда бошад; б) ё қарордод онро тақозо кунад; в) ё ба муқтазои он созгор бошад; г) ё далели ҷавози он дар шаръ ворид шуда бошад ва ғ) ё дар байни мардум мавриди таомул воқеъ шуда бошад.

Шарти фосид он аст, ки ба ҳеҷ банде аз қоидаи фавқ мувофиқат надошта бошад, ки он дар ҷои худ дар китобҳои муфассал баён мегардад.

18. Рукн ар. ركن, дар луғат ба маънои қавитарин ҷониб, поя ва таҳдоби ҳар чиз аст ва

[1] Моида, 5: 6.

ба ҷавориҳ – узвҳои бадан низ рукн гуфта мешавад ва дар истилоҳ ба маънои муҳимтарин қисмат ва ҷузъи таркибии он аст, ки ҷавҳари моҳияти онро ба вуҷуд оварда ва вуҷуди вай бе он қавом нагирад. Ба гуфтаи Косонӣ дар Бадоеъ ҳар чизи таркибёфта аз маонии мутағойир ва ё аҷзои гуногун вақте бо ҳам гирд оянд ва номи таркибшуда бар онҳо мунтабиқ ояд, он аҷзо ва ё маонӣ ба танҳоӣ рукнҳои он чиз ба шумор мераванд, ба монанди аркони хона дар ашёи маҳсус ва иҷобу қабул дар қарордодҳо. Аммо ҳар ҳолат ва ё чизе, ки бо дигар шудани он ашё тағйир ёбад ва номи он ашё бар вай мунтабиқ наояд, он шарт аст, ба монанди шоҳидон дар боби никоҳ. Пас рукн ва шарт ҳар ду барои таҳаққуқи мусаммо – моҳият ва айни шайъ шаръан зарур мебошанд, бо ин тафовут, ки рукн дар моҳияти он дохил ва ҷузъи таркибии он ба шумор меравад ва шарт хориҷ аз моҳият ва ҳақиқати он мебошад.

Назди оммаи фақеҳон дар ибодатҳо ва ақдҳо – қарордодҳо рукн бар фарз итлоқ мегардад ва манзури онҳо аз фарзҳои вузӯ, таяммум, намоз, рӯза ва ғ. рукнҳои онҳост, бо он тафосил ва назароти мутафовите, ки дар ин бора дар байни онҳо вуҷуд доранд, вале вожаи фарз омтар аз рукн аст ва он рукнҳои дарун – фарзҳо ва берун – шартҳоро низ дар бар мегирад.

Аркон ва ё фарзҳо дар ибодот бахшҳои таркибие аз онҳо ҳастанд, ки бо вайрон шудан ва тарки бе узри онҳо ибодат ботил мегардад ва бояд аз сар гузорида шавад. Назди аиммаи ҳанафӣ воҷибот аз ҷумлаи аркон ба шумор намераванд ва бо тарки онҳо намоз фосид намегардад, вале агар тарки онҳо қасдан ва бе узре сурат гирифта бошад, иъодаи он воҷиб аст, агар саҳван ба вуқӯъ омада бошад, бо саҷдаи саҳв ҷуброн мешавад ва агар бо узре тарк шуда бошад, соқит мешавад, ба монанди шахси уммӣ, ки қироат карда наметавонад.

Аркони намоз боз ба рукнҳои аслӣ, ба монанди қиём, рукӯъ ва саҷда ва рукнҳои зоида, ба монанди қироат ва қаъдаи ахир, ҷудо мешаванд. Рукни аслӣ он аст, ки дар ҳеҷ ҳолате ҷуз дар зарурат ва ҳолати узр соқит намегардад ва рукнҳои зоида дар баъзе ҳолатҳо бе зарурат ҳам соқит мегарданд ва ба иваз ва ҷойгузине ниёз надоранд, ба монанди қироат барои муқтадӣ. Рукнҳои зоида аз он ҷиҳат, ки қавоми намоз – вуҷуд ва адамаш дар бештари ҳолот ба онҳо бастагӣ дорад, рукн ҳастанд ва аз он ҷиҳат, ки намоз дар баъзе ҳолатҳо бе онҳо ҳам дуруст мегардад, зоид ҳастанд.

Назди аиммаи ҳанафӣ дар тамоми навъҳои ақдҳо – қарордодҳо як рукн – иҷоб ва қабул вуҷуд дорад ва дигар ҳарчи ҳаст, шартҳои он ба шумор мераванд, назди ҷумҳури аимма дар ақдҳо ҳадди ақал се рукн – иҷобу қабул ва ду тарафи қарордод вуҷуд доранд.

19. Азимат ар. عزيمة/عزيمت, (ҷ. азоим – عزائم) дар луғат ба маънои қасди муаккад ва тасмими қатъӣ бар анҷоми феъле ва дар истилоҳи шаръ ба маънои ҳукме, ки аз аввал бар ҳамаи мукаллафон ба таври мутлақ – бе тааллуқ ба пешомадҳо ва узрҳои бандагон собит шудааст ва он асли тамоми аҳкоми таклифии шаръ қабл аз ҳудуси пешомадҳо ва тааллуқ ба узрҳо аст. Уламои усул фароянди машрӯияти аҳкоми шаръро ба ду қисм: азимат ва рухсат ҷудо кардаанд.[1]

Аҳкоме, ки дар шаръ ба тариқи азимат ва бино бар асли таклиф – қабл аз тааллуқ ба узрҳо ва пешомадҳо собит шудаанд, чаҳор навъ аз аҳкоми панҷгонаи таклифӣ: фарз, воҷиб, мандуб ва ҳаромро шомил мегарданд ва ҳам дар ин чаҳор навъ аст, ки ба сабаби пешомадҳо ва узрҳое аз сӯи шаръ барои соҳибони онҳо сабукӣ ва рухсат пешбинӣ шудааст.[2]

20. Рухсат ар. رخصة/رخصت, (ҷ. рухас – رُخَص) дар луғат ба маънои осонӣ ва осон кардани коре ва дар истилоҳи шаръ иборат аз аҳкоме аст, ки барои манъи истимрори илзоми ҳукми аслие ба сабаби пешомади узре барои баъзе мукаллафон пешбинӣ шудааст, ба ин маъно ки бо таваҷҷуҳ ба узри пешомада барои мукаллаф аз сӯи шаръ тахфиф ба амал омада, ҳукми аслӣ

[1] Азиматҳо ба он аҳкоми шаръие гуфта мешаванд, ки ба иқтизои масолеҳи зотӣ ва манофеи умумии шаръ ҷорӣ дошта шудаанд ва онҳо ба шароити хос ва мукаллафи муайяне ихтисос дода нашудаанд, ба монанди воҷуби намоз, рӯза ва ҳаром будани гӯшти худмурда ва ғ.

[2] Назари машҳури фуқаҳо ва усулиён ин аст, ки хитоби шореъ илова бар ин чаҳор қисм шомили мубоҳ низ мегарад ва он аз ҷумлаи аҳком ва таклифҳои шаръӣ ба шумор меравад, вале чун он бар асли раво ва муҷоз будан тааллуқ дорад ва анҷом додан ё тарки он ба ихтиёри худи банда вогузор шудааст, агар ҳараҷ ва машақатте барояш пеш ояд, тахфиф ва эҷоди сабукӣ дар он дар дасти худаш аст.

аз мартабаи илзом ба марҳалаи ихтиёрӣ мунтақил мегардад, ба монанди гӯшти худмурда, ки бар асоси ҳукми аслии шаръ он барои ҳамаи мукаллафон ҳаром аст, вале ба сабаби дар гуруснагии муҳлик қарор гирифтани шахсе хӯрдани он барои вай ба рӯхсат табдил меёбад. Рухсат ба ин маъно маҷмӯаи аҳкоми ҳолатҳои изтирорӣ, сабукиҳои пешбинишуда барои пешомадҳо ва узрҳои башарӣ ва истиснооте аз азиматҳо ба шумор мераванд. Рухсатҳо ба ду бахш тақсим мешаванд, бахше, ки дар он иҷроти таклиф ва бахше, ки дар он тахфифи амал ба таклиф сурат гирифтааст.[1]

Асли рухсатҳо ба ҳафт сабаби умумӣ бармегардад: заъфу нотавонӣ, беморӣ, сафар, фаромӯшӣ, ҷаҳл, икроҳ ва балвои омм, ки дар мавридҳое аз аҳкоми шаръ сабаби иҷроти комили таклиф ва дар мавридҳое сабаби тахфиф дар он гардидаанд ва дар ҳамаи онҳо заруратҳо, дафъи машаққат ва бартараф сохтани ҳараҷ мӯҷиби пешбинии аҳкоми истисноие бо номи рухсатҳо аз сӯи шаръ дар баробари азиматҳо гардидаанд:

1. заъфу нотавонӣ сабаби иҷроти таклиф аз кӯдак ва девона ва сабаби тахфифи таклиф барои занон гардида, намози ҷумъа, намози ҷамоат ва ғ.-ро ба таври рухсат аз онҳо соқит ва ширкат дар онҳоро аз ҳукми аслӣ – суннат будан ба ҳукми рухсат ва марҳалаи ихтиёрӣ интиқол додааст;

2. беморӣ сабаби рухсат дар хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон ва сабаби иҷроти қиём дар намоз аз шахс ва раво шудани нишаста ва ё ба паҳлу ва хобида гузоридани он гардидааст;

3. сафар сабаби рухсати хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон, қаср хондани намозҳои чаҳорракъата, соқит шудани намози ҷумъа аз мардон ва зиёд гаштани муддати масҳ бар пойафзорҳо то се рӯз гардидааст;

4. фаромӯшӣ сабаби иҷроти гуноҳ ва муохазаи ухравӣ ва дуруст боқӣ мондани рӯза барои касе бошад, ки дар моҳи рамазон аз рӯи фаромӯшӣ хӯрда, нӯшида ва ё муҷомаат карда бошад;

5. ҷаҳл – бехабарӣ вақте аз рӯи тақсир дар омӯзиш набуда бошад, сабаби иҷроти муохаза, сабаби бозпасгардонидани коло пас аз харид аст, агар харидор ба ҳангоми савдо аз айби он бехабар буда, ҳамон гуна ки сабаби маъзур будани муҷтаҳид дар хатои иҷтиҳодӣ дониста шудааст;

6. икроҳ – иҷбор сабаби раво гаштани анҷоми мамнӯот мегардад, то ҳараҷ ва озори таҳаммулнопазир аз шахс бартараф сохта шавад;

7. балвои омм дар корҳое, ки аз онҳо чорае нест ва ё эҳтиёт аз он ниҳоят душвор аст, ба монанди наҷосати одамони салисулбавл, ки эҳтиёт аз он барояшон душвор аст, наҷосатҳои сари роҳ дар деҳот ва ғ.[2]

---

[1] Пас аз илзом – амр шудани шахси мукаллаф ба анҷом додан ё ба тарки коре (наҳй шудан аз анҷоми он) иҷозати тарк ё амал ба он дар шароити хоссе, ба монанди ҳолати изтирор ва рафъи ҳараҷ бо ҳадафи сабукӣ барои мукаллаф рухсат номида мешавад. Пас рухсатҳо дар шаръ аз аҳкоме иборатанд, ки машрӯияти онҳо бар асоси узрҳо ва пешомадҳо барои эҷоди сабукӣ собит шудаанд, дар ҳоле ки аҳкоми аслии мамнӯъсозанда ва таҳримкунандаи онҳо дар сурати мавҷуд набудани он узрҳо ба ҳоли худ боқӣ ҳастанд.

Мелоки аслӣ дар тахфифи аҳком ва табдил ёфтани азиматҳо ба рухсатҳои шаръӣ дар пай доштани онҳо дар мавридҳои хоссе ҳараҷ ва машаққатро барои мукаллаф аст. Назди бисёре аз фақеҳони ғайри ҳанафӣ омили сафар дар миёни дигар ҳолатҳо вазъи хоссе дорад ва агарчи мукаллаф дар он дучори машаққати бисёр нашавад ҳам, ба муҷарради пеш омадани сафар барои вай дар баъзе аҳкоми шаръӣ тахфиф ҳосил мешавад. Назди ҳанафиён сафар агар зарар ва машаққатеро ба ҳамроҳ надошта бошад, он бинафсиҳи машаққат ба шумор намеравад.

Баъзе маротиби машаққат ё навъе сангинӣ дар аксари таклифҳои шаръӣ, бахусус ибодатҳо, вуҷуд доранд ва аз онҳо тафкикпазир нестанд ва метавон гуфт ин миқдор аз машаққат бахше аз моҳият ё фавоид ва ҳикматҳои ҷорӣ доштани он таклифҳо ба шумор меравад, ба монанди сахтӣ ва машаққати рӯза дар ҳавои гарм ва душвориҳои мавҷуд дар фаризаи ҳаҷ. Ин навъ машаққат мӯҷиби рухсат ва тахфиф дар азиматҳои шаръӣ намешавад. Он машаққат ва сахтие мӯҷиби сабукӣ ва тайсир дар ҳукми шаръӣ мешавад ва онро аз азимат ба рухсат табдил медиҳад, ки аз моҳияти таколифи шаръӣ ҷудо бошад ва низ мурод аз он таҳаққуқи сахттии ғайри маъмулӣ ва зиёни номутаораф аст. Ҳамчунин машаққат ва сахтӣ, вақте осонӣ ва тайсирро дар ҳукми шаръие ҷалб мекунад, ки насси шаръие бар хилофи он вуҷуд надошта бошад.

[2] Балво аз решаи бало (بلاء) ва ба маънои гирифторӣ, машаққат, сахтӣ, озмоиш, мушкил, ҳоҷат ва ниёз бошад. Пайомадҳо ва таъсири баъзе навъҳои машаққат, гирифторӣ ва мушкилот ба фард ё хонаводае маҳдуд мешаванд ва баъзе ом ва фарогир ҳастанд, ки ҷомеа ё минтақае дар умум ба он гирифтор мешаванд. Ин навъ балво аз назари усулиён бар асоси қоидаи: «Машаққат осонӣ ва сабукиро ҷалб мекунад», сабаби тайсир – осон

Рухсатҳои шаръӣ аз се навъ берун нестанд:

1. мубоҳ ва раво гардидани ҳаром бо узри зарурат ва қоидаи фиқҳӣ: Заруратҳо мамнӯотро раво ва мубоҳ мегардонанд, ба ин навъ бармегардад. Ба забон овардани калимаи куфр ба вақти икроҳ, дар ҳоле ки дил ба имон мутмаин бошад, хӯрдани гӯшти худмурда, хун ва гӯшти хук барои шахси музтар аз амсилаи он бошанд;

2. раво ва мубоҳ гаштани тарки воҷиб, ба монанди тарки қиём дар намоз барои шахси оҷиз ва хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон барои бемор ва мусофир. Расули Худо (с) фармуда: ***«Вақте шуморо ба коре амр намудам, онро ба ҳамон андозае, ки дар тавонатон ҳаст, ба ҷой оваред!»***;

3. тасҳеҳ – саҳеҳ донистани баъзе қарордодҳое, ки халалҳои ҷузъие ба ҳамроҳ дошта, то ҳарағ аз он бартараф ва муомила дар он барои мардум осон гардад, ба монанди байъи салам (салаф) ва ақди истисноъ, ки дар ҳар ду байъи ашёи нобуда ва ғайри мавҷуд дар вақти бастани ақд сурат гирифтааст.

Ҳукми корбурд ва ё амал ба рухсатҳои шаръӣ ба шакли мубоҳ, мандуб ва воҷиб аз ҳам тафовут дорад ва он бар чаҳор мартаба аст:

1. дар байни амал ба рухсат ва тарки он мухайяр аст, мисоли он хӯрдани мусофир рӯзаи моҳи рамазонро вақте ҳоли вай дар доштан ва хӯрдани рӯза бо ҳам баробар бошад, пас вай ихтиёр дорад, ки дар сафар рӯза дорад ва ё ифтор намояд. Ривоят шуда, ки Ҳамза ибни Амри Асламӣ аз паёмбар (с) пурсид: Оё дар сафар рӯза бидорам ва вай бисёр рӯза медошт!? Фармуд: ***«Агар хоҳӣ, рӯза бидор ва агар ҳам хоҳӣ, ифтор кун!»***;

2. бартарияти амал ба рухсат, ба таври мисол қаср хондани намозҳои чаҳоррақъата дар сафар бо суннати паёмбар (с) собит шуда ва бар пояи ривоятҳои Суннат расули Худо (с) дар тамоми сафарҳо намозҳои чаҳоррақъатаро қаср хонда ва ба таври саҳеҳ ба субут нарасида, ки вай намози чаҳоррақъатаеро дар сафар тамом – буд хонда бошад ва ин мудовамати паёмбар (с) бар афзалияти амал ба рухсат далолат дорад. Ин назари ҷумҳури мазоҳиб аст, ки қасри намоз дар сафар назди онҳо суннат аст;

3. афзалияти тарки амал ба рухсат, ба мисли шахсе, ки ба гуфтани калимаи куфр ба забонаш икроҳ – маҷбур сохта шавад ва эҳтимоли озору шиканҷа шудан дар роҳи Худо барояш пеш омада бошад. Пас агар онро ба забонаш бигӯяд ва худро аз озору шиканҷа бираҳонад, бино ба рухсати шаръ (Наҳл, 16:106) амал карда ва ин ҳакро дорад, вале агар дар роҳи Худо сабру пойдорӣ намояд, он афзал аст;

4. вуҷуби амал ба рухсат ва мисоли он хӯрдани шахси музтар гӯшти худмурда, гӯшти хук ва шаробро бошад, то худро аз ҳалокат бираҳонад. Ҳаром гардонида шудани гӯшти худмурда, гӯшти хук ва шароб аз сӯи шаръ ба сабаби зарарҳояшон бар нафс – ҷисму рӯҳи инсонӣ буда ва чун дар ҷое сабаби наҷот ва зинда мондани он гарданд, ба андозаи рафъи ниёз раво гарданд. Нигоҳ кардан ба аврати марду зани бегона низ ҳаром аст, вале табиб ба ҳангоми мудово барои рафъи ҳарағ метавонад ба андозаи ниёз ба ҷои дармоншаванда нигоҳ кунад ва ин барояш рухсат аст ва агар хавфи ҳалокати бемор пеш омада ва дармонаш муҳаққақ бошад, барои наҷоти вай амал ба он воҷиб аст.

Аз паёмбари акрам (с) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Худо дӯст дорад, ки ба рухсатҳояш амал шавад, чуноне бадаш ояд, ки маъсиятҳояш содир карда шаванд»***. Аз ин фармудаи паёмбар (с) бармеояд, ки амал ба рухсатҳои шаръ дар ҳар мартабае буда, хуб ва назди Худо писандида аст. Ин ташвиқи шаръ ба он рухсатҳое тааллуқ дорад, ки дар қонунгузории шаръ бо сароҳат ба онҳо ишора шудааст, вале навъи дигаре аз рухсатҳо дар умури шаръӣ низ вуҷуд доранд, ки ба сабаби ихтилофи назари уламо дар масъалае, фатвои носавоби муҷтаҳиде дар амри диние ва ё дар натиҷаи ҷустуҷӯи роҳиҳалҳои осон ва махориҷе барои гурез аз тавсияҳои шаръ ба вуҷуд омадаанд, уламо ва аҳли тақво аз пайгирӣ ва амал ба онҳо барҳазар дошта ва онро накӯҳиш кардаанд.

Ба тариқи истикро[1] собит шудааст, ки рух-

шудани ҳукми шаръӣ дар масъалаи мавриди гирифторӣ мегардад ва онро аз азимат ба рухсат табдил медиҳад.

[1] Истикро ар. استقرا (исми масдар), 1. (мантиқ) баррасии мавридҳо ё намунаҳои ҷузъии кор ё қазияе ва натиҷаи куллӣ гирифтан аз он; равише барои расидан ба натоиҷи куллӣ аз тариқи баррасӣ ва таҳқиқ дар намунаҳо ё вокеиятҳои ҷузъӣ; берун оврадани мафҳумҳои умумӣ аз мафҳумҳои ҷузъии амр ё қазия; натиҷа гирифтани ом аз хос ё иллат аз маълул; қавл ё мақулаи

сат назди имом Абуҳанифа (рҳ) чаҳор навъ аст, ки дуи он ҳақиқӣ ва дуи дигар маҷозианд. Он ду, ки ҳақиқианд, яке дар ҳақиқӣ будан том ва онро рухсати комил гӯянд, дигаре ноқистар аз аввал аст ва ба он рухсати қосир – нотамом гӯянд. Рухсати комил он аст, ки коре (ки дар асл ҳаром ва мамнӯъ аст) барои шахсе рухсат – раво гардад, дар ҳоле, ки муҳаррим – далел ё сабаби таҳрим ва ҳукми ҳаром будани он ҳар ду ба ҳоли худ боқӣ бошанд, ба мисли ба забон овардани калимаи куфр барои шахсе, ки икроҳ ва ба қатл таҳдид шавад. Дар ин ҷо бо вуҷуди рухсат – ҷоиз будани гуфтани калимаи куфр ба сабаби узри икроҳ ё таҳдид барои шахсе, далели таҳрим – ҳаромсозанда, яъне далоили ҳаром будани ба забон овардани калимаи куфр ва ҳукми ҳаром будани он ба таври абадӣ ба ҳоли худ боқист ва аз байн нарафтааст.

Навъи дуюми рухсати ҳақиқӣ он аст, ки кор ё чизи ҳаром ва мамнӯъ барои шахсе рухсат – ҷоиз ва раво гардад, дар ҳоле ки далели таҳрими он боқӣ аст, вале ҳукми ҳурмат – ҳаром буданаш барои вай ба таъхир афтодааст, ба мисли ифтори шахси мусофир ё бемор дар моҳи рамазон. Дар ин ҷо сабаби вуҷуби рӯзаи моҳи рамазон дидани ҳилоли он моҳ аст, ки барои мусофир ва бемор низ боқӣ ва дар ҳоли амал аст, вале ҳукми рӯза ва ҳурмати ифтор дар он вақт боқӣ намонда, балки он барояшон ба рухсат табдил ёфтааст. Ҳукми ҳаром будани ифтор барои чунин афрод аз моҳи рамазон ба моҳе, ки дар он қазои рӯзаро ба ҷой меоваранд, интиқол ёфтааст.

Дар навъи дуюми рухсати ҳақиқӣ низ, бо вуҷуде ки амал ба рухсат ва тарки азимат ҷоиз аст, назди фуқаҳои ҳанафӣ амал ба азимат ва тарки рухсат авло аст, зеро дар он мувофақат бо мусулмонон ҳосил мешавад. Дар навъи аввал чун далел ё сабаби муҳаррим ва ҳукми ҳурмат ҳар ду қоим ва боқӣ ҳастанд, ҳукми аслӣ дар он ҳурмат аст, бе ҳеҷ шакке дар асо-лати он, бар хилофи навъи дуюм, ки дар он гарчи сабаби савм қоим ва боқист, вале ҳукми ҳурмати он ба таъхир ва ба вақти дигаре интиқол ёфтааст.

Навъи сеюм – аввал аз рухсати маҷозӣ, ки дар маҷозият комил ва томм аст, он аст, ки сангинӣ ва бандҳои сахти таклиф аз мо фурӯ ниҳода шудаанд ва ба он ҷиҳат маҷозӣ номида шудааст, ки асл ё ҳукми аслии он машрӯъ боқӣ намонда, балки амал ба он комилан бекор шудааст, ба мисли он машаққатҳо ва аъмоли сангине, ки дар шароеи пешин вуҷуд дошта, аз қабили қатъ – буридани узвҳое, ки хато ва гуноҳ ба онҳо содир шудааст, тарошидани мавзеи наҷосат аз бадан, тавба бо куштани худ, ҷоиз набудани намоз дар ғайри масҷид ва ибодатгоҳ, пок нашудан бо таяммум – ҷоиз набудани таяммум, ҳаром будани хӯрдани шахси рӯзадор пас аз хоб дар шаб, манъи покиҳо – хӯрданиҳои ҳалол бар онҳо ба сабаби содир кардани гуноҳон, додани рубъи мол дар закот, сӯхтани амволе, ки барои қурбат пешбинӣ мешуданд, бо оташе аз осмон, ҷоиз набудани истифода аз ғаноими ҷангӣ, воҷиб будани панҷоҳ вақт намоз ҳар шаборӯзӣ, ҳаром будани авф дар қисос, ҳурмати хӯрдани равған ва рагу пайҳои таркиби гӯшти ҳайвонот, ки ҳама аз дӯши уммати ислом барои тахфиф ва такрими он комилан бардошта шудаанд. Инҳо ба он ҷиҳат рухсати маҷозӣ номида шудаанд, ки асли онҳо дар дини мо машрӯъ намонда ва агар касе ба онҳо ба пиндори навъе тааббуд ва риёзати нафс амал кунад, гунаҳкор ва гумроҳ гардидааст. Қиёс дар ин маврид тақозо мекард, ки он насх номида шавад, вале аз он ҷо ки он аъмол ба тариқи тахфиф аз мо бардошта шудаанд, маҷозан рухсат номида шудааст.

Навъи чаҳорум – дуюми рухсати маҷозӣ, ки дар воқеъ ба рухсати ҳақиқӣ аз навъи сеюм наздиктар аст, он аст, ки ҳукми он соқит гардида – ба рухсат табдил ёфта, вале дар умум, яъне дар ғайри мавзеи рухсат ҳамчунон машрӯъ боқӣ мондааст. Пас ба ҳайси он ки соқит гардида, маҷоз аст ва ба ҳайси он ки дар умум машрӯият дорад, ба рухсати ҳақиқӣ наздиктар аст, ба мисли байъи салам – байъе, ки дар он яке аз ивазшавандаҳо мавҷуд набошад. Гарчи дар байъ таайюн – вуҷуди айни коло ва чизе, ки хариду фурӯш мешавад, асл аст, вале он дар байъи салам соқит гардида ва дигар ба сурати

муаллаф аз чанд қазия, ки барои исботи ҳукми куллӣ шомили ҷузъиёт мегардад. Дар истиқро ногузир бояд тамоми ҷузъиёти қазия ё аксари онҳо ҳаср – баршумурда ва таҳқиқ шаванд, он гоҳ ҳукми воҳиде ба он ҷузъиёт ба иҷро гузошта шавад, то он ҳукм ба куллӣ интиқол ёбад ва ба он дода шавад 2. ҷустуҷӯ ва пайгирӣ кардан, таҳқиқ кардан.

азимат машрӯъ боқӣ намондааст. Қаср хондани намозҳои чаҳорракъата дар сафар рухсати иҷбот аст.[1]

21. Савоб ар. ثواب, подош ва он чизе, ки банда бо он раҳмату мағфирати Худованд ва шафоати паёмбар (с)-ро мустаҳиқ мегардад. Савоб дар истилоҳ ба подоши илоҳӣ ва он баракоте итлоқ мешавад, ки ба амалҳои неки муъминон тааллуқ мегирад ва барои охират пасандоз мешавад.

22. Иқоб ар. عقاب, он азобу кайфари илоҳӣ, ки бандаро пас аз иртикоби гуноҳ рӯзи охират мерасад. Иқоб сазо ва кайфари илоҳӣ аст, ки ба амалҳои бади инсон тааллуқ мегирад ва барои вай дар охират пешбинӣ шудааст. Аммо он кайфар ва сазое, ки пас аз гуноҳ дар дунё ба ӯ мерасад, уқубат – عقوبة/عقوبت номида мешавад. Уқубот ҳамчунин ба қисмате аз аҳкоми амалии шаръ, ки ба қонуни ҷиноӣ маъруф аст, итлоқ мегардад ва он бахше аз фиқҳ аст.

Дар фарҳанги исломӣ саодат ва шақовати ҳар кас бо фазли Худо ба интихоби роҳ ва амалҳои неку бади вай дар дунё ва ба қадри бархурдории ӯ аз савоб ва иқоби ухравӣ бастагӣ дорад. Гарчи иқоби ухравӣ ба андозаи гуноҳи банда пешбинӣ шуда, вале савоб ё подоши хайре, ки дар охират насиби вай мегардад, афзунтар аз ранҷу талош ва амалҳои хайрест, ки дар ин дунё анҷом додааст ва ин асоси мақсадҳои ухравии мутааллиқ ба афъоли мукаллафон аз назари омӯзаҳои динӣ аст. Давраи зиндагонии инсон дар ин дунё замони андӯхтани савоб ва пасандози аҷри амалҳои нек ва корномаҳои мондагор барои ҳаёти ухравӣ ё баръакс, ҷойгоҳи фурӯ рафтан дар гуноҳ, касби мӯҷиботи иқоб ва гирифторӣ ба шақовати ухравӣ аст.

Вожаи савоб дар Қуръон 13 бор, вожаи иқоб 20 бор ва дигар муштаққоти онҳо борҳо зикр шудаанд. Илова бар ин, калимаҳо ё таъбирҳои дигаре, аз қабили аҷр, подош (ҷазо) ва ваъда дар мавриди муъминон ва сазо, инзор, азоб ва ваъид дар бораи кофирон дар сарчашмаҳои шаръ ба кор рафта, ки айни маонии ду вожаи савоб ва иқоб ё паҳлуҳое аз онро баён медоранд.

Вожаи савоб ва иқоб дар Қуръон ба маънои васеътар аз марзҳои маънои истилоҳиашон корбурд шуда, савоб ё иқоби дунявиро низ фаро гирифтаанд (Оли Имрон, 3:145–148; Нисо, 4:134; Оли Имрон, 3:11; Анфол, 8:52). Дар ин ҳолат савоб ба унвони ҳосили талоши банда дар дунё ба маънои афзунӣ, баракот ва баҳраҳои неки илоҳӣ дар ҳаёти вай ва иқоб ба маънои муҷозотҳои дунявӣ ё осори бад, натоиҷи манфӣ ва пайомадҳои ҳатмие, ки ба сари инсон бар асари кори гуноҳ меоянд, тафсир мешаванд.

Бар асоси нусуси шаръ, шарти умумӣ барои расидан ба савоби дунё ва охират ва дурӣ аз иқоби Худованд дар қадами аввал имон доштан ба Худо, рӯзи охират ва тамоми он чи паёмбар (с) бо номи дин ва шариат аз сӯи Худо овардааст, он гоҳ аз тақвои илоҳӣ бархурдор будан аст. Хулосаи тамоми омӯзаҳои исломӣ таъкид бар он дорад, ки тақвои илоҳӣ дар пайравӣ аз аҳкоми шаръ, пойбандӣ ба он ва иҷтиноб аз манҳиёти он таҳаққуқ меёбад.

Маро бо лутфи раҳмонӣ куҷо ғам бар ҷабин бошад,
Ки ҳар ҷо рӯ кунӣ, он ҷо навое дилнишин бошад.
Каломатро чу мехонам, чу номат бар забон ронам,
Ҳама бар ман нидо гӯянд, ки ҳақ бар дил ҳамин бошад.

23. Гуноҳ گناه, назди аҳли шаръ иртикоби мукаллаф амри ғайри шаръирост. Дар Қуръон чанд вожа ё ибора барои ифодаи маънои гуноҳ ба кор рафтааст, аз қабили занб, исм, хатиа, сайиа ва маъсият, ҳинс, визр, ламам, ки ҳар яке паҳлу ё тобише аз маънои умумии гуноҳро бозгӯ мекунад ва вожаҳое, ки ҳолат ё навъи муайяне аз онро баён мекунанд, ба мисли: фисқ, фуҷур, фасод, фоҳиша, мункар, хубс, ҳаром, ҷурм, ҷиноят ва шар. Дар тамоми калимаҳои фавқ маънои иртикоби амри ғайри шаръӣ ё анҷом додани умури шаръан манҳӣ ё наздик

[1] Фахрулислом, Алӣ ибни Муҳаммад ал-Баздавӣ. Усулу-л-Баздавӣ (Канзулвусул ило маърифати-л-усул. – С. 139 – 141. – Оромбоғи Карочӣ: Мирмуҳаммад кутубхона, бе зикри соли чоп; Убайдуллоҳ ибни Масъуди Маҳбубӣ. Танқеҳу-л-усул маъа шарҳиҳи-л-мусаммо би-т-Тавзеҳ маъа-т-Талвеҳ. – Ҷ. 2. – С. 264–272. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, бе зикри соли чоп; Алоуддин, Абдулазиз ибни Аҳмади Бухорӣ. Кашфу-л-асрор ан усули Фахрислом ал-Баздавӣ. – Ҷ. 2. – С. 576–593. – Бейрут: Дору-л-китоби-л-арабӣ, 1997; Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум, муқаддима (илми фиқҳ). – Ҷ. 1. – С. 849–853.

ва олуда шудан ба онҳо зоҳир аст, ба ҷуз вожаи исм ва маъсият, ки илова бар он, ба ҳар гуна нофармонӣ ва тарки фармудаҳои шаръ низ ба гунае далолат мекунанд ва вожаҳои ахир ба шакл ва мисдоқҳои хоссе аз гуноҳ ишора мекунанд.[1] Пас маънои гуноҳ васеътар аз иртикоби амри ғайри шаръӣ ё шаръан манҳӣ буда, маъмулан ҳар гуна таҷовуз аз қонунҳои шаръ ё меъёрҳои ахлоқӣ гуноҳ маҳсуб мегардад, ба ибораи дигар, ҳар гуна нофармонӣ аз амрҳои шаръ ва тарки фармудаҳои он низ ҷузъи маънои «мо тунҳавна анҳу» ба шумор рафта, дар мафҳуми умумии гуноҳ дохил мебошад.

Гуноҳ бар ду қисм: кабира – гуноҳони бузург ва сағира – гуноҳони хурд ҷудо шудааст.[2]

[1] Калимаи «занб – ذنب» аз решаи занаб – ذنب ба маънои дум, думғоза ва думбола баргирифта шуда, дар мавриди гуноҳ ба ин маъно ё тобиш корбурд шуда, ки он ҳатман пайомад ва осори манфие ба унвони муҷозот ва сазои дунявӣ ва ухравӣ ба дунбол дорад. Он дар Қуръон 35 бор зикр шудааст. Вожаи «маъсият – معصيت» ба маънои сарпечӣ, нофармонӣ, хуруҷ ё таҷовуз аз фармудаҳои Худо баёнгари он аст, ки банда аз доираи итоат ва марзи муқаррароти илоҳӣ берун рафтааст; гуноҳ; саркашӣ. Он дар Қуръон 33 бор зикр шудааст. Вожаи «исм – إثم » ба маънои вомондан ва маҳрум шудан аз савоб ва подоши хайр аст ва дар Қуръон 48 бор омадааст. Калимаи «саййиа – سيِّيئـه» ба маънои бадӣ, кори зишт ва амали бад аст, ки мӯҷиби андӯҳ ва накбат гардад ва дар тақобул бо ҳасана ба кор равад, ки ба маънои некӣ, саодат ва хушбахтӣ аст. Он дар Қуръон 165 бор омадааст. Калимаи суъ - бад ва бадӣ масдарӣ он аст, ки дар Қуръон 44 бор омадааст.

Калимаи «ҷурм جرم –» дар асл ба маънои ҷудо шудани мева аз дарахт пеш аз пухтан ё ба маънои паст ва беарзиш аст ва дар истилоҳ амал ва гуноҳе аст, ки одамиро аз ҳақиқат, саодат ва такомул ҷудо месозад; амал ё рафтори ғайриқонуние, ки муставҷиби кайфар шавад. Он дар Қуръон 61 бор зикр шудааст. Ҷарима ба маънои гуноҳ, ҷиноят ё товони ҷиноят ва муҷрим ба маънои ҷинояткор аз ҳамин реша аст. Вожаи «ҳаром – حرام» ба маънои мамнӯъ ва маҳзур аст ва дар Қуръон 75 бор зикр шудааст. Вожаи «хатиа – خطيئـه» аз решаи хато баргирифта шуда, ғолибан ба маънои хато ё гуноҳи ғайри амдӣ аст ва дар таъбироти қуръонӣ гоҳе ба маънои гуноҳи бузург (Бақара, 2: 81; Алҳоққа, 69: 37) ба кор рафтааст. Хатиа аслан ҳолатеро дар инсон пас аз иртикоби гуноҳ баён медорад, ки дар он ботин ва қалби ӯ бо осори бад ё зангори гуноҳ пӯшонида мешавад, аз тариқи наҷот ҷудо ва роҳи нуфузи анвори ҳидоят ба қалби вай баста мегардад. Он дар Қуръон 22 бор омадааст. «Фисқ – فسق» дар асл ба маънои баромадани донаи хурмо аз пусти он аст ва дар боби гуноҳ ба ин маъност, ки шахс бо иртикоби гуноҳ аз доираи тоат ва бандагии Худо берун мешавад, аз марзи амрҳои илоҳӣ хориҷ мегардад ва дар натиҷа бе ҳимоя ва пуштибон боқӣ мемонад; кори зишт, ғайри ахлоқӣ, ҳаром. Он дар Қуръон 53 бор омадааст. «Фасод – فساد» ба маънои табоҳ шудан ва аз хатти эътидол берун гаштан аст, ки дар мавриди гуноҳ ба маънои табоҳ шудани шахсияти инсон ва ба ҳадар рафтани истеъдодҳои вай аст; табоҳӣ, шарорат, ошуб; беахлоқӣ; зулм ситам; амали ғайри ахлоқӣ, хилофи арзишҳои динӣ. Он дар Қуръон 50 бор зикр шудааст.

Калимаи «фуҷур – فجور» ба маънои пора шудан, даридан ва намудор шудан аст ва дар мавриди гуноҳ ба маънои дарида шудани пардаи ҳаё, рехтани обрӯ ва пора гаштани ваҳдати динии кас аст; рафтори зишт; табаҳкорӣ, ки дар Қуръон 6 бор зикр шудааст. Калиммаи «мункар – منكر» аз решаи инкор ба маънои ноошно ва ношинос баргирифта шуда, дар боби гуноҳ ба маънои бегона будани он бо фитрати пок ва ақли солим аст, ки онро зишт ва аз худ бегона мешуморанд. Он 16 бор дар Қуръон омадааст. «Фоҳиша – منكر» ба маънои гуноҳ ва кори баде аст, ки аз ҳад гузашта ва дар зиштии он шакке боқӣ намондааст ва дар корҳои бисёр зишт, нангин ва нафратовар ба кор меравад; амали зишт ва гуноҳи ошкоро; зани тардоман. Он 34 бор дар Қуръон зикр шудааст. Вожаи «хубс – خبث» ба маънои кори нопок, рафтори палид, чизи хабис ва амали зишт; палидӣ, хабосат ва дар тақобул бо таййиб – пок ва хуб ба кор меравад ва дар Қуръон 16 бор зикр шудааст.

«Шар – شرّ» ба маънои зиштӣ, бадӣ, зиёнкорӣ ва бадтар аст, ки мардум аз он нафрат доранд, ба онҳо зиён меоварад ва дар тақобул бо хайр ба маънои хубӣ, некӣ ва корҳое, ки мардум онро табиатан дӯст медоранд, ба кор меравад. Шар ғолибан дар мавриди балоҳо, гирифториҳо, рафторҳои балоовар ва корҳои зиёновар истифода шуда ва гоҳе ба маънои гуноҳ ба кор рафтааст (Зилзол, 99: 8). Он дар Қуръон 28 бор омадааст. Калимаи «ашрор» ба маънои бадон аз решаи он баргирифта шуда ва дар Қуръон 1 бор омадааст. Вожаи «ламам – لمم » ба маънои кам ва дар истилоҳ ба маънои наздик шудан ба гуноҳ ё олудан ба он аст ва дар мавриди гуноҳони сағира ба кор меравад. Он дар Қуръон 1 бор омадааст. Калимаи «визр – وزر» ба маънои сангинӣ ва бори гуноҳ омада ва маъмулан ба маънои касе ё ҳолате аст, ки дар он касе бори сангини гуноҳи худ ё дигаронро мекашад ва дар Қуръон 26 бор зикр шудааст. Вазир аз решаи он баргирифта шуда, ба маънои шахсе аст, ки бори сангини визоратро ба дӯш мегирад. «Ҳинс – حنث» дар асл ба маънои тамоюл ба ботил ва инҳироф аз ҳақ буда, бештар дар мавриди гуноҳи паймоншиканӣ ва тахаллуф аз аҳд ба кор меравад ва дар Қуръон 2 бор зикр шудааст. Калимаи «ҳуб – حوب» ба маънои вабол ва зиёне аст, ки бо иртикоби гуноҳ ба инсон мерасад. Ҳар кадоме аз ин вожаҳои 20-гона ба паҳлуҳое аз осори шуми гуноҳ ва шаклҳои гуногуни он ишора ва ҳолоти мухталифи онро баён медоранд.

[2] Қуръони карим дар се оят ба маънои гуноҳ ишора ва дар радабандии дақиқе бо истифода аз ибора ва вожаҳои хос мафҳуми умумӣ ва ду навъи кабира ва сағираи онро

Гарчи дар баъзе нусуси шаръ ба порае аз гуноҳони кабира бо сароҳат ишора шуда, вале ба ҳамаи онҳо ба таври куллӣ ё ба қоида ва асли куллие, ки барои шинохт ва ҷудо сохтани онҳо аз гуноҳони сағира меъёри шаръӣ бошад, ишора нашудааст. Аз ин рӯ, уламо дар таъриф ва баёни авсофи онҳо ихтилофи назар доранд, ҳамон гуна ки дар таъйини адади онҳо низ назароти мухталифе аз онҳо ривоят шудааст. Аксари уламо бар ин назаранд, ки Аллоҳ таъоло гуноҳони кабираро ба таври дақиқ ҷудо ва шумораи онҳоро муайян насохта, то банда пас аз шинохти онҳо бо такя ба ваъдаи Ӯ таъоло: **«Агар аз кабоири он чи наҳӣ шудаед, иҷтиноб варзед, аз шумо саййиотатонро такфир – маҳв намоям»** (Нисо, 4:31), дар иртикоби гуноҳони сағира ҷасорат – бебокӣ накунанд, балки дар иҷтиноб аз ҳамаи гуноҳон бикӯшанд, ба мисли шаби қадр, ки Худованд онро дар миёни шабҳои даҳаи ахири моҳи рамазон ниҳон карда ё соати иҷобати дуо дар рӯзи ҷумъа, ки онро миёни дигар сооти он рӯз пӯшида дошта ва вақти марг, ки онро дар байни ҷумлаи вақтҳои умри инсон нӯҳуфтааст, то банда дар тамоми он шабҳо ва соатҳо ҷаҳду талош кунад ва ҳамеша омодаи сафари охират бошад. Ба таъбири дигар, мушаххас кардани гуноҳоне бо номи кабира ва сағира ва тартиби феҳрасте аз онҳо имкон дорад дар баъзе афрод навъе саҳлангорӣ ё бетафовутии комилро нисбат ба порае аз гуноҳон ба вуҷуд оварад.

Дар «Маолимуттанзил» аз Заҳҳок овардаааст, ки гуфт: Ҳар гуноҳе, ки Худо барои он дар дунё ҳадде муайян ва дар охират азобе ваъид карда бошад, он кабира аст, баъзеҳо гуфтаанд: Он чиро Худо дар Қуръон кабира ё азим гуфта бошад, он кабира аст. Суддӣ гӯяд: Он гуноҳоне, ки Худо аз он онҳо наҳӣ карда, кабира ва саййиот муқаддамот ё тавобеи онҳо ҳастанд.[1] Байзовӣ дар тафсири худ овардааст: Дар баёни таърифи кабоир миёни уламо ихтилофи назар вуҷуд дорад ва наздиктарин қавл он аст, ки ҳар гуноҳе, ки шореъ бар он ҳадде ҷорӣ дошта ва дар мавриди он ба ваъид тасреҳ намудааст, он кабира аст ва гуфта шуда: Он чи ҳурматаш бо далели қатъӣ собит шуда бошад, кабира аст.[2,3]

бозгӯ кардааст: **«Агар аз кабоири мо тунҳавна анҳу – он чӣ, ки аз он наҳӣ шудаед, иҷтиноб варзед, аз шумо саййиотатонро маҳв ва шуморо ба даромадгоҳи кариме дохил созем»** (Нисо, 4: 31), **«Ва касоне, ки аз кабоири гуноҳ ва фавоҳиш иҷтиноб меварзанд – канора мегиранд ва чун ғазаб карданд, пас онҳо омурзиш мекунанд»** (Шуро, 42: 37), **«Онҳо, ки аз кабоири гуноҳ ва фавоҳиш иҷтиноб меварзанд, магар ламамро, Парвардгорат, воқеан ҳам, кушодамағфират аст ...»** (Наҷм, 53: 32).

Ибораи «мо тунҳавна анҳу» дар ояти аввал мафҳуми умумии гуноҳро бозғӯ ва қаламрави онро шомили тамоми манҳиёти Худованд нафйан ва иҷобан медонад, ки он тамоми кардаҳои нофармуда ва низ фармудаҳои нокардаро дар бар мегирад. Дар ояти дуюм ва сеюм ин мафҳум бо вожа ва истилоҳи хоссе бо номи исм – гуноҳ ифода ва номгузорӣ шудааст. Калимаи «фавоҳиш» ҷамъи «фоҳиша» дар ду ояти ахир атфи хос бар омм аст, ки бо навъе муғоярат дар маъно шиддати зиштӣ ва қабоҳати ҷинс ё мисдоқи гуноҳро ифода мекунад ва ба маънои гуноҳони кабирае аст, ки бо навъе зиштӣ, қабоҳат ва дар ниҳояти гуноҳӣ содир шудаанд.

Калимаи «саййиот» чун дар сураи Нисо (4: 31) дар тақобул бо кабоир ба кор рафта, аксари забоншиносон ва муфассирон, ба мисли Роғиби Исфаҳонӣ дар «Муфрадот» ва Шинқитӣ дар «Азвоулбаён», онро ба мафҳуми гуноҳони сағира тафсир карда, калимаи «ламам»-ро дар сураи Наҷм (53: 32) ба маънои гуноҳони хурд ва саййиа дар ояти аввал гирифтаанд ва истисноро дар он мунқатеъ гуфтаанд. Ба гуфтаи Шинқитӣ, ин роҷеҳтари-ни ақвол дар и нмаврид аст. Ҷамоае аз аҳли илм онро истиснои муттасил дониста ва ла-мамро низ ҷузъе аз гуноҳони кабира ва фавоҳиш донистаанд, ба ин маъно ки агар банда, Худои нохоста ва гаҳе муртакиби гуноҳи кабирае гардид ё ба он биёлуд, фавран аз он иҷтиноб намояд ва дигар ба он авд – баргашт накунад (Азвоу-л-баён фӣ эзоҳи-л-Қур-ъони би-л-Қуръон. Ҷ. 4. – С. 436–437).

Аз мантуқи ин се оят бармеояд, ки гуноҳ ҳарчи буда, яъне кабира ё сағира, дар мафҳуми умумии «мо тунҳавна анҳу» ва «исм» дохил ҳастанд ва аз онҳо бояд канора гирифт. Вале банда чун аз заъфи инсонӣ эмин нест, пас вақте аз бузургтарини онҳо – гуноҳони кабира иҷтиноб варзад ва канора гирад, гуноҳони хурдтари ӯ, агар аз рӯи беилмӣ ва нодонӣ сурат гирифта ва паз аз донистан ба он исрор наварзад, Худованд осори онро аз банда маҳв месозад.

---

[1] Бағавӣ, Ҳусайн ибни Масъуд. Маолимуттанзил. – Ҷ. 2. – С. 203. – Риёз: Дору Тиба, 1989.

2 Байзовӣ, Носируддин Абдуллоҳ ибни Умари Шерозӣ. Анворуттанзил ва асроруттаъвил. – Ҷ. 2. – С. 71. – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 1998.

[3] Бо ин вуҷуд, уламо нишонаҳо ва мушаххасотеро дар таъйини ҳад ва баёни авсофи гуноҳони кабира зикр кардаанд, ки ҳар яке нозир ба васф, саранҷом ё осори баде аст, ки барои соҳибони онҳо дар Китоб ё Суннат зикр шудаанд. 1. Ҳар коре, ки Худо аз он наҳӣ карда ва бо он маъсият – нофармонии Худо шавад, 2. ҳар коре, ки ҳаром будани он дар Қуръон бо сароҳат зикр шудааст, 3. ҳар коре, ки барои муртакибаш аз сӯи шаръ азоб ва уқу-

Дар ҳадисе аз паёмбар (с) омадааст: ***«Кабоир ҳафтанд: Ширк овардан ба Худо, қатли нафсе, ки Худо онро ҳаром гардонида, магар ба ҳақ, туҳмати зани муҳсана – покдоман, гурехтан аз ҷанг (бо душман дар рӯзи набард), хӯрдани рибо, хӯрдани моли ятим ва уқуқи волидайн»*** (Маҷмаъу-з-завоид, 390. Ҳайсамӣ ҳадисро аз ин тариқ заъиф гуфтааст, вале он дар Саҳеҳайн аз тариқи Абубакра бо ихтисор ривоят шудааст). Дар ривояти дигаре фармуда: ***«Аз ҳафт мубиқот (амри муҳлик) иҷтиноб намоед: Ширк овардан ба Худо, сеҳр, қатли нафсе, ки Худо онро ҳаром гардонида, магар ба ҳақ, хӯрдани моли ятим, хӯрдани рибо, пушт гардонидан (ба душман)дар рӯзи ҷанг ва туҳмати занони муъмини покдоман ва ғофил – бехабар!»*** (Саҳеҳи Муслим, 258 (89)-145).[1]

Гуноҳоне, ки дар суннат аз онҳо бо номи мубиқот – муҳликот ва кабира ёд шудааст, ба унвони намунае аз бузуртарин гуноҳ зикр шудаанд, вале шумораи онҳо дар асл бештар аз он аст. Аз Ибни Аббос (рз) пурсиданд: Оё кабоир ҳафтанд!? Гуфт: Онҳо ба ҳафтсад наздиктаранд, магар ин ки бо истиғфор кабирае ва бо исрор сағирае боқӣ намонад ва фармуд: Ҳар он чизе, ки Худо бо он исён шавад, кабира аст. пас касе чизе аз онро анҷом диҳад, истиғфор намояд, ки Худо касеро аз ин уммат дар оташ ҷовид насозад, магар аз ислом баргашта, мункири фариза ва ё такзибкунандаи (қазову) қадар бошад.[2] Заҳабӣ дар китоби «ал-Кабоир» ҳафтоду шаш адад гуноҳи кабираро баршумурда ва дар ахир шуморе аз гуноҳони дигарро ба эҳтимоли кабира будан дар фасле зикр кардааст.[3]

Дар Қуръон барои ифодаи гуноҳи сағира вожаҳои саййиот (Нисо, 4: 31) ва ламам (Наҷм, 53: 32) истифода шудааст. Ламам иборат аз лағжишҳо ва гуноҳони сағирае аст, ки ҳеҷ кас аз иртикоб ва афтиш дар он дар амон нест, магар касе, ки Худояш аз он нигаҳ дорад. Мас., зино гуноҳи кабира аст, вале муқаддамот ва давоъӣ – ангезаҳо ва мӯҷиботи он, ба мисли нигоҳи шаҳватолуд ба номаҳрам, бӯсидан ва бо чашму абру ишора кардан аз гуноҳони сағира ба шумор мераванд.[4]

Дар тақобул ба ақвол ва тафосире, ки дар бораи гуноҳи кабира гуфта шуда, баъзеҳо ламам – сағираро гуноҳе гуфтаанд, ки аз сӯи шаръ барои он ҷазо ва ҳадде дар дунё ва азобе дар охират пешбинӣ нашудааст. Лағжишҳо ва гуноҳоне, ки дар сатҳи ламам қарор доранд, бино ба фармудаи паёмбар (с): «***Ба (дунболи) саййиа ҳасанаеро тобеъ гардон, онро маҳв месозад»*** (Сунани Тирмиз, 1987; Муснади имом Аҳмад, 21681 (21354) ва ***«Намозҳои панҷгона, ҷумъа то ҷумъаи дигар ва (рӯзаи) рамазон то рамазони дигар мукаффирот – маҳвсозанда (гу-***

бате дар дунё пешбинӣ шудааст, 4. ҳар коре, ки барои муртакиби он дар рӯзи қиёмат азоби дӯзах ваъид шудаст, 5. ҳар коре, ки мӯҷиби хашм – ғазаби Худо гардад, 6. ҳар коре, ки лаънат ва нафрини илоҳиро ба бор оварад, 7. ҳар коре, ки барои иртикоби он азоби бузургзикр шуда бошад, 8. ҳар коре, ки барои муртакиби он азоби шадид ваъид шуда бошад, 9. ҳар коре, ки анҷомдиҳандааш фосиқ шинохта шавад (Гуноҳон ва лағжишҳо (тарҷимаи Муҳаммадсолеҳи Саъидӣ). – С. 23–24).

[1] Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 1. – С. 827–829, зайли моддаи «занб».

[2] Маолимуттанзил. – Ҷ. 2. – С. 202.

[3] Заҳабӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмон. ал-Кабоир. – Мансура (Миср), 2007.

[4] Ибни Аббос (рз) мегӯяд: Ҳеҷ чизеро шабеҳтар ба ламам (дар қавли Худои таъоло: илла-л-лама) аз он чизе, ки Абуҳурайра аз паёмбар (с) ривоят намуда, надидам: ***«Худованд бар фарзанди одам баҳраашро аз зино навиштааст, ки ногузир онро дарёбад*** (ва зино навъҳое дорад): ***Зинои чашмон нигоҳ кардан*** (ба номаҳрам), ***зинои забон сухан гуфтан*** (бо калимаҳои қабеҳ ва дар бораи корҳои маҳрамона), ***зинои дастон дароз кардани онҳо*** (ба сӯи номаҳрам), ***зинои пойҳо рафтан (ба сӯи амали зино), зинои гӯш шунидан*** (-и суханоне дар бораи зино) ***ва зинои даҳон бӯсидан аст. Нафс он*** (зино)***-ро орзу мекунад ва мехоҳад ва фарҷ ҳамаи онро тасдиқ ё такзиб мекунад,*** яъне фарҷ пас аз ҳамаи ин марҳалаҳо онро амалӣ мегардонад ё рад мекунад ва ё рӯзи қиёмат онро тасдиқ ё такзиб мекунад» (Саҳеҳи Бухорӣ, 6243, 6612; Саҳеҳи Муслим, 6695 – 96 (2657)-20-21; Сунани Абудовуд, 2152–53; Таббора, Афиф Абдулфаттоҳ. Гуноҳон ва лағжишҳо (тарҷимаи Муҳаммадсолеҳи Саъидӣ). – С. 25, поварақӣ, ба нақл аз китоби Тоҷу-л-усул. – Ҷ. 2. – С. 331. – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 1388 ш.), сухани матнро таъйид мекунад. (Лафзи ҳадис тибқи ривояти дарҷшуда дар поварақии китоби Гуноҳон ва лағжишҳо аст ва дар ривоёти Саҳеҳайн ибораҳои он каме фарқ мекунанд).

Ба гуфтаи Афиф Таббора, агар дар гуноҳи сағира ду ҷиҳат ё бештар аз ду ҷиҳати таҳрим ҷамъ оянд, он ба гуноҳи кабира табдил мешавад. Мас., бӯсидан ё ламс кардани зани номаҳрам гуноҳи сағира аст, вале агар он бо зани ҳамсоя сурат гирад, гуноҳи кабира мебошад (зеро номаҳрам будан ва ҳамсоя будан ду ҷиҳат дар он бо ҳам ҷамъ омадаанд) (Гуноҳон ва лағжишҳо (тарҷимаи Муҳаммадсолеҳи Саъидӣ). – С. 25).

ноҳони содиршуда)-и мобайни худ ҳастанд, вақте аз кабоир иҷтиноб шавад» (Саҳеҳи Муслим, 551 (233)-16), бо амалҳои хайр, анҷоми ҳасанот ва ибодатҳо, ба мисли намозҳои панҷгона, намози ҷумъа ва рӯзаи моҳи рамазон афв мешаванд ва осори онҳо аз банда маҳв сохта мешавад.

Бар пояи омӯзаҳои исломӣ, гуноҳ ба мисли дигар мақулоти ахлоқӣ ва хилофи ахлоқӣ, қобили афзоиш ва коҳиш аст. Дар ҳадиси машҳуре аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки вақте банда муртакиби гуноҳе мегардад, нуқтаи сиёҳе бар сафҳаи қалбаш пайдо мешавад. Агар ба иртикоби гуноҳ ҳамчунон идома диҳад, он нуқтаи сиёҳ ва зангори гуноҳ тамоми дилашро фаро мегирад – мепӯшад (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 2787) ва он шахс ба ҷое мерасад, ки дигар майли анҷоми корҳои хубро аз даст медиҳад. Ин фармудаи Қуръон: **«Оре, касе саййиа – бадӣ ва гуноҳе касб намояд ва он гуноҳ ӯро иҳота кунад (фаро гирад), пас онҳо асҳоби нор ва дар он ҷовидон бошанд»** (Бақара, 2: 81), ба ҳамин варта ва ҳолати инҳимос – фурӯ рафтани инсон дар гуноҳ ишора дорад. Ва баръакс, ба фармудаи Қуръон, амалҳои нек ва ҳасанот осори гуноҳро аз шахс пок месозанд (Ҳуд, 11: 114).

Бар ин асос, вақте банда дар анҷоми гуноҳони сағира исрор варзад ва ба онҳо ҳамчунон идома диҳад, ба гуноҳи кабира дармеоянд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Аз гуноҳони муҳаққар – сағира ва дар назаратон ночиз дурӣ ва канора гиред, зеро онҳо (вақте) бар мард ҷамъ мешаванд, ӯро ҳалок месозанд ...»*** (Муснади имом Аҳмад, 3818). Бухорӣ дар боби: Гуноҳони муҳаққаре, ки аз онҳо парҳез ва дурӣ карда мешавад, аз Анас (рз) овардааст: «Шумо амалҳоеро анҷом медиҳед, ки (гуноҳ будани онҳо) дар назаратон аз мӯй ҳам бориктар – ҳақир ва ночиз аст, дар ҳоле ки мо дар замони паёмбар (с) онҳоро аз мубиқот, яъне муҳликот ва гуноҳони кабира мешуморидем» (Саҳеҳи Бухорӣ, 6492).

Ба ҳар ҳол, бузргтарин гуноҳони кабира ширк аст, ки тибқи фармудаи Қуръон, Худованд онро намеомурзад ва гуноҳони дигаре, ки поёнтар аз марзи ширк ва куфр бошанд, бо тавбаву истиғфор бахшуда мешаванд (Нисо, 4: 48, 116) ва бо анҷоми амалҳои хайр осори онҳо пок сохта мешаванд (Ҳуд, 11: 114). Гуноҳони сағира низ, вақте банда аз гуноҳони кабира иҷтиноб ва дар анҷоми онҳо исрор наваразад (Оли Имрон, 3: 135), бо афву раҳмати Худованд пас аз истиғфори банда бахшида мешаванд (Нисо, 4: 31), вале агар дар онҳо исрор варзад ва аз онҳо бознаистад, пас, чуноне дар сухани Ибни Аббос (рз) омада, ба кабира мубаддал мешаванд.

Дар фарҳанги қуръонӣ гуноҳон ба ду бахш ҷудо ё дар ду радиф радабандӣ ва тақсим карда шудаанд: гуноҳони зоҳир ва ошкор ва гуноҳони ботин ва пӯшида. Дар ду оят Худованд хитоб ба бандагони муъмин фармуда: «**Бигӯ: Парвардгорам фавоҳишро он чи аз онҳо, ки зоҳир ва ошкор буда ва он чи ки ботин ва пӯшида буда, қатъан, ҳаром гардонидааст»** (Аъроф, 7: 33), **«Ва зоҳири гуноҳ ва ботини онро тарк намоед!»** (Анъом, 6: 120). Аз сиёқи ин ду оят бармеояд, ки манзур аз калимаи «фавоҳиш» дар ояти аввал ва «исм» дар ояти дуюм ҳамон гуноҳони кабира аст, ки ба сурати ошкор ва аланӣ анҷом дода мешаванд ва ба он дар ин ҳолат фуҷур гуфта мешвад ё ба сурати пӯшида ва дар ниҳон анҷом дода мешаванд. Пас манзури Қуръон аз ин радабандии гуноҳон ба зоҳир ва ботин он аст, ки банда дар зоҳиру ботин ба салоҳ ороста ва аз ҳар гуна нифоқи ботин – рафтори хилофи зоҳир пок ва орӣ бошад, яъне одами якрӯ ва зоҳиру ботинаш яксон бошад ва ҳар кас дар зоҳиру ботин мурофиқи худ бошад. Зеро ҳар ду ҳолати инсон барои Худо ошкор аст ва чизе бар Ӯ пӯшида нест. Баъзе муфассирон аз гуноҳи зоҳир аъмоли гуноҳеро мурод донистаанд, ки бо ҷавореҳ – узвҳои зоҳирии бадан содир карда мешаванд ва аз гуноҳи ботин аъмоли гуноҳеро, ки банда дар ботин – дил, нийят ва замир ба онҳо олуда мешавад.

Ислом муроқабати нафс ва парҳез аз гуноҳро ба худи инсон вогузор ва мехоҳад дар ботини вай виҷдони имонӣ ва дар нафси вай неруи худмуроқибе аз тақво ба вуҷуд оварад ва замири ӯро ба тарзе бисозад, ки барои вай меъёри санҷиши неку бад ва тарозуи шинохти ҳақу ботил бошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Нукӯӣ он аст, ки нафс ба он ором мегирад ва дил осуда (мутмаин) мегардад ва гуноҳ он аст, ки нафс ба он ором намегирад – оромиш пайдо намекунад ва дил ба он осуда намегардад, гарчи муфтиён туро ба он фатво диҳанд» (***Муснади имом Аҳмад,

17894 (17742). Дар ҳадиси дигаре омада, ки марде аз паёмбар (с) пурсид: (Нишонаи) гуноҳ чист!? Гуфт: «Вақте чизе дар нафсат ё синаат шубҳа овард, пас онро тарк кун!» Бо пурсид: (Аломати) имон чист!? Фармуд: «Вақте бадӣ ва гуноҳат туро бад ояд ва ғамгин созад ва некият туро хурсанд созад, пас ту муъминӣ» (Муснади имом Аҳмад, 22512 (22159), 22519 (22166).

Дар фарҳанги исломӣ инсон аз осори бади гуноҳ осебпазир ва бахшиши он танҳо ба Худо марбут дониста шудааст. Бар асоси осебшиносии қуръонӣ, гуноҳон аз муҳимтарин авомили шақоват – бадбахтии инсон ба шумор мераванд ва Худованд онҳоро ҳаром нагардонида, магар ба сабаби зиёнҳое, ки ба фард ва ҷомеа мерасонанд. Фардро дар саломати (-и ҷисмонӣ), ақл ва амалаш осеб ва зиён мерасонанд, ӯро ба шахсияти чандбуъдӣ – ошуфта ва чандшахсията табдил медиҳанд ва ба парешониҳо, изтиробот, фитнаҳо ва гумроҳиҳо дучор месозанд ва ҷомеаро аз ҳам гусаста ва сустунсур мегардонанд.

Бо вуҷуди он ки, Ҳақ таъоло ба мағфирати гуноҳи банда, вақте дар он исроре ба амал наёмада ва фавран пас аз иртикобаш ба истиғфор қарин гашта бошад, ваъда додааст, вале боз ҳам миёни гуноҳоне, ки дар онҳо ба ҳуқуқи бандагон таҷовуз шуда ё зери по гардидаанд ва гуноҳоне, ки дар онҳо нисбат ба ҳуқуқи Парвардгор беэҳтиромӣ сурат гирифта, фарқ гузошта шудааст. Навъи аввали гуноҳон ба шарте аз сӯи Худо бахшида мешаванд, ки дар мавриди онҳо бахшиш ё биҳилл аз онҳое, ки дар нисбати эшон зулме шуда, ҳосил шавад, вагарна онҳо ба қиёмат мемонанд ва дар рӯзи қисос барои аъмоли бозмонда ва ҳисобҳои тасвияношуда бар зиммаи якдигар ба онҳо расидагӣ ва тасвия мешаванд.[1]

Дар нусуси шаръ ҳам дар заминаи тақвои фардӣ ва ҳам дар заминаи рафтори иҷтимоӣ ва ахлоқи умумӣ аз гуноҳ сухан ба миён омадааст. Назари умумии ислом ба гуноҳони фардӣ зоҳиран ин аст, ки агар пас аз иртикоби онҳо ба сидқ тавбаву истиғфор шавад, онҳо бахшуда мешаванд, агар амри мураткиби кабира ба додгоҳ расад ва ҳадди шаръӣ дар мавриди он ба иҷро гузошта шавад, ӯ низ аз гуноҳаш пок мегардад, вале агар кори вай ба додгоҳ нарасид ва истиғфор ҳам накард, пас амраш ба Худо ва охират мавкул аст. Вақте банда аз гуноҳаш тавба мекунад ё пас аз иртикоби он амали неке, ба мисли адои фаризаи ҳаҷ, анҷом медиҳад, вай ба мисли рӯзе бармегардад, ки нав аз модар зода шуда ва ҳанӯз гуноҳе накардааст, яъне осори он ба куллӣ маҳв мегарданд, ҳатто тибқи фармудаи Қуръон, Худо саййиоти баъзе бандагонро, вақте тавба намоянд, имон биёваранд ва амали солеҳ анҷом диҳанд, ба некиҳо ва ҳасанот табдил медиҳад (Фурқон, 25: 70).[2]

Аммо гуноҳоне, ки ба сурати рафтори иҷтимоӣ ва ахлоқи умумӣ дармеоянд, тибқи ҷомеашиносии динӣ, аз муҳликот ва авомиле ба шумор мераванд, ки заминаҳои завол ва инқирози миллатҳоро фароҳам меоваранд. Бо мутадовил гаштани анвоъи гуноҳон дар ҷомеа ва ба падидаи фарогири ахлоқӣ табдил ёфтани онҳо музоддот (ант)-и қонуниятҳои рушди иҷтимоӣ ва авомили фарсоишии коргузошташуда дар матни ҳаёти иҷтимоӣ ба кор медароянд ва онро ба мисли вирус ё беморие аз дарун мехӯранд ва ба сӯи нобудӣ мекашонанд. Инғимоси дастҷамъии мардум дар гуноҳон навъе ғафлат, беиродатӣ ва ломуболотии умумиро дар ҷомеа ба бор меоварад. Ба гуфтаи Иқболи Лоҳурӣ:

Уммате к-аз орзу неше нахӯрд,
Нақши ӯро фитрат аз гетӣ ситурд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи авомиле, ки тибқи ҷомеашиносии қуръонӣ, боиси инқироз ва нобудии ақвоми пешин, ба мисли қавмҳои Нуҳ, Од, Самуд, Фиръавн ва дигарон гардид, ин нуктаро ба хубӣ инъикос менамояд.

Баъзе муҳаққиқон ва пешвоёни фанни таф-

[1] Барои огаҳии бештар дар бораи қисоси аъмоли бозмонда ё ҳисобҳои тасвияношуда дар рӯзи қиёмат ба китоби «Рисолаҳои имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи арзишҳои эътиқодии ислом маъруф ба Шарҳи Фиқҳи акбар», мавзӯи қисоси рӯзи қиёмат муроҷиат намоед!

[2] Ин дар бораи гуноҳон буд. Аммо он ҳуқуқи бандагон, ки бар зиммааш пардохт нокарда боқӣ мондаанд, бояд ба соҳибонашон баргардонида ва пардохт карда шаванд. Агар онҳоро адо нокарда аз дунё даргузарад, ба моли тараккааш тааллуқ мегиранд ва пеш аз баровардани миқдори васият ва тақсими он байни вараса пардохта мешаванд. Аммо ибодатҳо ва ҳуқуқи илоҳие, ки қазо гаштаанд, ба мисли намоз, рӯза ва ғ. бояд қазо оварда шаванд ва аз гуноҳи қазо шудани онҳо тавба ва истиғфор намояд. Барои огаҳии бештар дар ин бора ба мавзӯи «Тарака» ва «Фидяи савму салот» дар ҳамин китоб муроҷиат шавад.

сир, ба монанди Ибни Касир, бар ин ақидаанд, ки Худованд пас аз нузули Таврот ҳеҷ уммате-ро ба таври куллӣ бо чунин азобе нобуд насохта, балки муъминони онро ба даъвати онҳо ва мубориза ба онҳо амр кардааст ва ин қавлро аз Абусаиди Худрӣ (рз) ва чанде аз аҳли салаф ривоят кардаанд. Ба андешаи онҳо (Абусаид ва дигарон) тамоми аҳвоме, ки бо азобе аз сӯи Худо нобуд сохта шудаанд, пеш аз замони нузули Таврот – пеш аз Мусо (а) гузаштаанд, зеро Худованд мефармояд: ***«Ва дар воқеъ, ба Мусо китоб додем пас аз он ки наслҳои пешинро ҳалок сохтем…».*** (28: 43). Абусаъиди Худрӣ мефармояд: Худованд ҳеҷ қавмеро бар рӯи замин, пас аз нузули Таврот, бо азобе аз осмон ё замин ҳалок насохтааст, ба ҷуз аҳли қаря – шаҳристоне, ки ба маймунҳо масх – табдил дода шуданд (Тафсири Табарӣ, зайли тафсири ояти 43-юми сураи Қасас).[1] Табарӣ, Ибни Касир ва баъзе муҳаддисон, ба монанд Баззор, Ҳайсамӣ ва ғ. ин қавлро ривоят ва таъйид кардаанд.

Вале бисёре аз аҳли илм аз саҳоба, тобеин ва наслҳои пас аз онҳо сиёқи ояти 43-юми сураи Қасасро барои исботи ин мақула надониста ва гарчанде Худованд пас аз нузули Таврот ҳеҷ қавмеро бо азобе аз осмон ё замин ба таври куллӣ нобуд ва мунқариз насохта, вале вуқӯи чунин азоберо ба таври ҷузъӣ дар умматҳои пас аз Мусо ва тамаддунҳои баъд аз Таврот ба сабаби гуноҳонашон мунтафӣ надонистаанд. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Дар ин уммат*** (уммати ислом азоби) ***хасф – фурӯравии замин, масх – табдил шудани хилқати инсон ба сурати дигаре ва қазф – партобшавӣ ё резиши санг, шиҳобпора ва ғ., аз осмон вуқӯд доранд.*** Марде аз мусулмонон пурсид: Ин кор кай мешавад, эй расули Худо! Фармуд: ***Вақте сарояндазанон, раққосаҳо ва асбобҳои навозиш (мусиқӣ) пайдо шаванд ва хамр нӯшида шавад!»*** (Сунани Абудовуд, 2212).

Қуръон мефармояд: **«Бигӯ, Ӯ (Худованд) қодир аст, ки аз болоятон ё аз зери пойҳоятон азобе бар шумо барангезад ё шуморо гурӯҳ-гурӯҳ ва аз ҳам пароканда созад ва ранҷу сахтии баъзеатонро ба баъзе дигар бичашонад»** (Анъом, 6: 65). Ривоят шуда, ки паёмбар (с) аз тафсир ва таъвили ин оят пурсида шуд, фармуд: Ин воқеияте аст шуданӣ, ки ҳанӯз таъвили он наёмадааст.[2]

Гуноҳ боиси хашми Худо мегардад ва заминаи гирифтор шудани инсонро ба азобу иқоби илоҳӣ фароҳам меоварад. Илова бар муҷозотҳои кайфарие, ки ба сурати ҳудуди шаръӣ барои навъҳое аз гуноҳон дар дунё пешбинӣ шуда ва афзун бар азобу зиллати ухравие, ки гунаҳкорон дар ду сатҳи фардӣ ва иҷтимоӣ дар ривоёти исломӣ ба он ваъид шудаанд, дар ривоятҳо ва нусуси динӣ аз осор, пайомадҳо ва инфиолот ё вокунишҳое хабар дода шуда, ки бар асари гуноҳон дар равони шахс, муҳити хонавода, ҷомеа ва умуман падидаҳои табиат ва мавҷудоти олами атроф ба вуҷуд меоянд ва натиҷаи ин бархурди манфӣ ва тазодди гуноҳ бо қонуниятҳои ҳаёт ва низоми офариниш дар онҳо осори номатлуб ва офоту газандҳои табиӣ мушоҳида мешаванд. Аз назари ҷомеашино-

[1] Ин ҳадис мавқуф аст, вале дар Мусанди Баззор ба таври марфӯъ низ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Худо ҳеҷ қавмеро ба азобе аз осмон ё аз замин ҳалок насохта, магар пеш аз Мусо»*** ва ояти 43-юми сураи Қасасро тиловат кард (Тафсири Ибни Касир. Ҷ. 5. – С. 20; Муснади Баззор, 2247, 2248; Маҷмаъу-з-завоид, 11253). Баъзе тахриҷгарон ҳадиси ривояткардаи Баззорро ба таври марфӯъ заъиф ва ривояти мавқуфро саҳеҳ гуфтаанд ва Худо беҳтар донад.

[2] Сунани Тирмизӣ, 3066; Муснади имом Аҳмад, 1466. Санади ҳадисро заъиф гуфтаанд, вале ин маъно, ки пас аз зуҳури ислом низ азобе бар сари миллатҳо фуруд меояд ва оят аз воқеияте хабар додааст, ки он дар оянда шуданӣ аст, саҳеҳ ва бо ҳадиси дигаре дар тафсири ин оят низ собит шудааст. Бухорӣ аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) овардааст, ки вақте қисмати аввали оят то: ***«Бигӯ, Ӯ (Худованд) қодир аст, ки аз болоятон азобе бар шумо барангезад,*** нозил шуд, паёмбар (с) гуфт: «Аъузу бивачҳика – Ба рӯят паноҳ мебарам», вақте: «ё аз зери пойҳоятон бар шумо азобе барангезад», нозил шуд, паёмбар (с) гуфт: «Аъузу бивачҳика – Ба рӯят паноҳ мебарам» ва вақте қисмати охири он нозил шуд, фармуд: ***«Ин ду сабуктар ё ин ду осонтаранд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 4628, 7313).

Азоби илоҳӣ гоҳе ба сурати ҷангҳои хонумонсӯз низ мутаҳаққиқ мегардад ва онҳо намунаҳое аз азобанд, ки бар сари миллатҳо тамоми анвои азоб ва шақоватро фурӯ мерезанд. Парокандагии миллатҳои мусулмон, зуҳури гурӯҳҳо ва фирқаҳои бо ҳам мутахосим ва даргир ва кашмакашҳои дохилие, ки имрӯз миллатҳои мусулмонро фаро гирифтааст, ба яқин, намунаҳое аз азоби илоҳӣ ҳастанд, ки натиҷаи он азобу сахтиро ба якдигар мечашонанд. Осор ва авоқиби бади баъзе гуноҳон, аз қабили зино, гоҳе ба сурати бемориҳои вогир зуҳур ва дар ҷомеа шуйуъ пайдо мекунанд.

сии динӣ ин вокунишҳо муҷозотҳои таквинӣ ё сазои табиии аъмоли бад ва гуноҳон ба шумор мераванд, ки ба сурати аксуламалҳои зиёнавари табиат ба зуҳур мерасанд. Ин вокунишҳо ва пайомадҳо ҳам ба сурати осори номатлуби маънавӣ-равонӣ ва ҳам ба сурати муҷозотҳои моддӣ ва пайомадҳои табиӣ дар ҳаёти фард, ҷомеа ва падидаҳои табиат зоҳир мешаванд.[1]

Бар асоси равоншиносии динӣ, гуноҳ торикии қалб, сангдилӣ ва дурӣ аз Худоро барои инсон ба бор меоварад. Ин ҳолат илова бар он ки шахсро ба унсури бад ва манбаи шарру фасод дар ҷомеа табдил медиҳад, ӯро ба изтироботи равонӣ, нороҳатиҳои асабӣ ва аз даст додани таодули шахсият дучор месозад. Тибқи додаҳои равоншиносии муосир низ, гуноҳ ва эҳсоси иртикоби иштибоҳ сабаби пайдо шудани изтиробу парешонӣ ва гирифтор шудан ба ранҷҳои равонӣ мебошад. Бемориҳои равонӣ ва уқдаҳои нафсонӣ осори барҷоймондае дар замир ва қалби инсон ҳастанд, ки натиҷаи ҷустуҷӯи василае барои гурез аз азоби виҷдон ва маломати замир дар вай ба вуҷуд меоянд ва парешонии фикрӣ, васвос ва ҳистериё (истерия) навъе аз онҳо ҳастанд. Худро бемор ҳис кардан, дар ҳоле ки ҳеҷ аворизи беморие дар ҷисми вай мушоҳида намешавад, ошуфтагии фикрӣ ва аз даст додани таодули равонӣ аз ҷумлаи осори маънавӣ ё равонии гуноҳ бар шахс аст, ки дар вай майлӣ гӯшагирӣ аз мардум, сустӣ дар кору фаъолият, бемайлӣ ба издивоҷ, берағбатӣ дар барқарорсозии алоқаҳои инсонӣ ва равобити дӯстӣ бо дигарон ё кашида шудан ба сӯи ҷурму ҷиноят, қиморбозӣ, шаробхорӣ ё ба сӯи гумномӣ ва саргардониро ба вуҷуд меоварад.

Ба гуфтаи равоншиносон, гоҳе бар асари уқдаҳои равонӣ ва бемориҳои ботинӣ шахс ба изтироби асабӣ ва низоъҳои дарунӣ мубтало мегардад, ки натиҷаи он навъе бетобӣ – беҳолӣ ва афсурдагиро дар худ ҳис мекунад ва ягона роҳи муолиҷаи равонӣ ва дармони нафсонии вай фароҳам овардани фурсати эътироф ба гуноҳ, изҳори пушаймонӣ ва холӣ сохтани даруни худ мебошад. Равоншиносон бо чунин афроде суҳбатҳои машваратӣ мегузаронанд ва мекӯшанд ӯро ба холӣ сохтани даруни худ аз бори сангини гуноҳ мутамоил ва заминаи эътироф ба онро барояш омода созанд. Бо ҳамин он афрод чанд вақте дар худ эҳсоси сабукӣ ва худро то ҷое бардам меёбанд.

Ислом назарияи эътироф ба гуноҳро қабул ва онро бо номи тавба ба тарзе барномарезӣ карда, ки инсон бо амал ба он комилан форағбол, рӯҳан осуда ва аз ҷиҳати равонӣ ором мегардад, неруи талош дар вай аз нав зинда мегардад ва ӯ аз иртикоби дубораи он мунсариф мешавад. Ин барномаи муолиҷаи равонӣ ва дармони гуноҳон дар ислом бевосита ба тазкияи равон, таскини замир ва осудани виҷдони инсонии вай равона гардидааст. Дар он инсон ба машварат ё гузаронидани давраи махсуси сеансҳои равонӣ аз сӯи равоншиносе ниёз надорад ва ислом таъсири он равишро сатҳӣ, кам ва тезгузар медонад. Дар барномаи тавба бояд худи шахс ба сӯи Парвардгор, ки ягона омурзанда ва оромбахши дилҳо аст, муроҷиат ва ба гуноҳи худ дар пешгоҳи Ӯ эътироф кунад, аз кардааш изҳори пушаймонӣ ва тасмим гирад

---

[1] Таббора, Афиф Абдулфаттоҳ. ал-Хатоё фӣ назари-л-ислом. – Бейрут: Дору-л-илми лилмалойин, 1977.

Паёмбар (с) аз ҷумла дар баёни зиёнҳои фарогир ва авоқиби бади зино мефармояд: ***«Уммати ман ҳамеша ба хайр аст, то замоне ки дар миёни он фарзандони аз зино интишор наёбанд. Вақте фарзанди зино дар баёни онҳо паҳн гардид, дур нест, ки Худои азза ва ҷалла, онҳоро дучори азоби фарогире созад»*** (Муснади имом Аҳмад, 27367 (26830). Баъзе тахриҷгарон ҳадисро заъиф гуфтаанд, вале Ҳайсамӣ дар Маҷмаъу-з-завоид (10551) онро ҳадиси саҳеҳ ё ҳасан гуфтааст). Паёмбар (с) дар ҳадиси дигаре дар бораи ин ки гуноҳ мӯҷиби хашми Худо мегардад, мефармояд: ***«Чаҳор гурӯҳ аст, ки Худои азза ва ҷалл, онҳоро бад мебинад: Савдогари қасамхӯр (серқасам), фақир (камбағал)-и мутакаббир, пирмарди зинокор ва имом (пешво)-и ситамгар»*** (Сунани Насоӣ, 2576). Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Се гурӯҳ (-е аз мардум) аст, ки Худои азза ва ҷалл, рӯзи қиёмат ба онҳо сухан намегӯяд: пирмарди зинокор, нодори магрур ва пешвои дурӯғгӯ»*** (Сунани Насоӣ, 2575).

Дараҷаи зиштӣ ва фаҳшоати гуноҳ бо нигоҳ ба шахси муртакиб ва мавқеи иртикоби он мутафовит аст. Мас., зино кардан бо зани номаҳраме, ки шавҳар надошта бошад, гуноҳи кабира ва занби азим аст, вале бо зани номаҳраме, ки шавҳар дошта бошад, азимтар ва фаҳшеътар аст, бо зан ё духтари ҳамсоя аз он ҳам зишттар ва азимтар аст ва бо маҳрами худ гуноҳи аз ҳама бузургтар ва фаҳшеътар аст. Ба ин тартиб, зинои шахси ҷавон ҳам гуноҳи кабира аст, вале аз пирмарди солрафта боз ҳам қабеҳтар аст, зеро ақлу андешаи вай комилтар ва авомили бозторанда дар вай зиёдтаранд. Зинои шахси ҷоҳил ва бесавод гуноҳи кабира аст, вале он аз шахси олим зишттар ва азимтар аст.

ва ба Худо аҳд бандад, ки дубора дасту домони хешро ба он гуноҳ олуда намесозад.

24. Истеҳсон (ар. إستحسان – неку шумурдан, писандидан ва беҳтар донистани раъйе ё чизе), номи яке аз равишҳои иҷтиҳодӣ дар фиқҳи аҳли Суннат ба маънои удул кардан (баргаштан) аз амал ба ҳукми қиёс ба ҳукми дигаре; тарк кардани амал ба муқтазои қиёс дар мавридҳои хос ба сабаби амал ба қиёс ё далеле қавитар аз он. Истеҳсон дар таърифи Абулҳасани Кархӣ, удул кардан (-и муҷтаҳид) дар як масъала аз мисли он ҳукме, ки дар мавридҳои назири он (аз рӯи қиёс) карда шуда, ба мухолифи он аст ба сабаби вуҷуди далеле қавитар, ки удулро аз аввал тақозо кунад. Абулҳусайни Басрӣ истеҳсонро тарки ваҷҳе аз вуҷуҳи иҷтиҳод, дар ғайри лафзҳои омме, ки тахсис меёбанд ва амал ба ваҷҳи дигаре гуфтааст, ки аз он қавитар аст. Дар таърифе, ки раъй ва назари мутааххирин бар он қарор гирифта, истеҳсон номи далели муттафақун алайҳ аст, ки дар муқобили қиёси ҷалӣ қарор гирифтааст, хоҳ он (далел) нас бошад ё иҷмоъ ё қиёси хафӣ ва ё зарурат. Истеҳсон ба ин маъно омтар аз қиёси хафӣ аст, ки дар баъзе таърифҳо омадааст.[1] Аммо дар таърифи усулиён он амал ба қиёси хафие аст, ки дар муқобил қиёси ҷалӣ қарор гирифтааст[2] ва вақте асараш дар масъалае аз қиёси ҷалӣ қавитар бошад, ба он амал мешавад ва онро қиёси мустаҳсан мегӯянд. Ба гуфтаи Сарахсӣ, истеҳсон ин тарки амал ба муқтазои қиёс ва ёфтани аҳком ва роҳиҳалҳои осонтар барои мардум ё талаби суҳулат дар аҳкоме, ки хоссу омм ба он мубтало ҳастанд ё ихтиёри осонтар ва амал ба сабуктар аст. Ҳосили ин иборот рафъи душворӣ ва расидан ба осонӣ аст, ки он асле дар дин аст. Худованд мефармояд: **«Худо ба шумо осониро мехоҳад ва ба(ро)-ятон сахтиро намехоҳад»** (Бақара, 2: 185), паёмбар (с) мефармояд: ***«Беҳтарин дини шумо осонтарини он аст»*** (Муснади имом Аҳмад, 16032 (15937).

Истеҳсон ба унвони равиш ё унсуре аз усули иҷтиҳод дар аҳди ав-вали ислом вуҷуд дошта ва дар садаи дуюм, ба хусус назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва шогирдонаш мафҳуми мушаххастаре пайдо кардааст. Дар китобиҳои усули фиқҳ, ки дар садаҳои баъдӣ таълиф гардиданд, фақеҳон ба сабаби бардоште, ки аз моҳият ё шояд мисдоқҳои гуногуни он доштанд, таърифҳои гуногуне аз он додаанд. Ба ҳар сурат, муҳимтарин санад дар исботи ҳуҷҷияти истеҳсон ояти 18 сураи Зумар: **«Пас башорат бидеҳ он бандагонамро, ки суханро мешунаванд ва аз он беҳтаринашро интихоб ва пайрвӣ мекунанд»**, аст, ки Худованд дар он мардумро ба пайравӣ аз қавли аҳсан ва назари беҳтарин фаро хондааст[3] ва санади дигари онҳо сухани Ибни Масъуд аст, ки мефармояд: «Пас он чиро мусулмонон хуб ва неку бишуморанд, он назди Худо хуб аст ва ҳар чиро бад донанд, он назди Худо низ бад аст» (Муснади имом Аҳмад, 3600; ал-Ашбоҳ ва-н-назоир. – С. 101).

Аз мутолиаи иборoти нақлшуда аз саҳоба ва фуқаҳои тобеин бармеояд, ки назди онҳо бисёр роиҷ буда, ки гузиниш ва назари иҷтиҳодии худро на бо таъбири қотеъ ва ба унвони ҳукми мусаллам аз шариат, балки бо таъбирҳое ба мисли «аҳаббу илайя – бароям беҳтар, ба назарам беҳтар аст», баён кунанд, ба таври намуна ин таъбир аз Ибни Масъуд (рз), Иброҳими Нахаъӣ, Ато ибни Абурабоҳ, Суфёни Саврӣ ва дигарон ривоят шудааст. Мақсуд аз корбурди чунин таъбирҳо бештар эҳтиёт дар судури ҳукми шаръӣ будааст ва баъид нест, ки нахустин корбурдҳои ибораи «астаҳсину – неку мешуморам ё истеҳсон мекунам» дар забони фақеҳон низ баёне аз назари иҷтиҳодии худ бар ҳамин шева бошад.

Ҳарчи буда, Абуҳанифа (рҳ) ба унвони намоёнтарин фақеҳи амалкунанда ба асли истеҳсон шуҳрат ёфтааст. Куҳантарин гузорише, ки дар ин бора вуҷуд дорад, гуфторе аз Саҳл ибни Музоҳим аст, ки мефармояд: Вай (Абуҳанифа) дар мавридҳои қубҳи қиёс ба истеҳсон

[1] Итлоқи истеҳсон бар нас ё иҷмоъ (истеҳсон хонда шудани нас ё иҷмоъ), ҳангоми вуқӯи он дар муқобили қиёси ҷалӣ, дар фурӯи фиқҳ бисёр шоеъ ва мунташир аст ва ин ба ҳангоми зоҳир набудани (маънои) нас ё иҷмоъ пеш меояд.

[2] Усулиён барои фарқ гузоштан миёни асли қиёс ва истеҳсон аввалиро қиёси ҷалӣ ва дуюмиро қиёси хафӣ номидаанд.

[3] Қуръон каломи Худованд ва ҳамааш хуб (ҳасан) аст, вале дар ин оят ба пайравӣ аз беҳтарини он тавсия шудааст ва он дар сурати таорузи далелҳо бо ҳам, ба мисли қиёс ва истеҳсон пеш меояд, ки дар ин ҳолат фақеҳ бояд беҳтари онҳоро интихоб кунад.

рӯй меовард ва ин тавзеҳро афзудааст, ки вай дар порае аз масоил ба таомули мусулмонон – урф ручӯъ мекард. Имом Муҳаммад (рҳ) авҷи фақоҳати Абуҳанифаро дар истеҳсон ва мавридҳои тарки қиёс мутаҷаллӣ донистааст. Ба таври куллӣ истеҳсон салиқаи баланди ҳуқуқӣ, камоли истеъдод ва назокати фикрии Абуҳанифа (рҳ)-ро дар соҳаи қонунгузорӣ ифода мекунад. Имом Муҳаммад (рҳ) мегӯяд: Ёрони Абуҳанифа (рҳ) дар миқёсҳо (масоили андозапазир) бо ӯ баҳсу мунозара мекарданд ва вақте мегуфт: Истеҳсон мекунам, (ӯро раҳо мекарданд ва) касе ба ӯ дарнамерасид.[1]

Дар матнҳои фиқҳи ҳанафӣ намунаҳои бисёре аз амали имом Абуҳанифа (рҳ) ба асли истеҳсон ёфт мешавад, ки дар таълили куллии корбурди ин асл омилҳои асосии таъсиргузор дар удули вай аз қиёсро метавон мавридҳое чун носозгориии қиёс бо робитаҳои мутаорафи иҷтимоӣ, расми роиҷ дар муомалот ва эҷоди уср (душворӣ) ва ҳарақ донист. Вай ифрот дар корбурди қиёсро накуҳиш мекард. Ва гоҳе чунин менамояд, ки чун бакоргирии қиёси омро дар баъзе мавридҳо қабеҳ мешумурд, бо тамассук ба асаре (асаре, ки шояд ба танҳои назди вай далеле заъиф ба шумор мерафт) он қиёсро тахсис медод ва дар он мавридҳои хос аз қиёс удул мекард ва ин равиш низ дар фиқҳи Абуҳанифа (рҳ) истеҳсон хонда шудааст. Ин ду навъи истеҳсон баъдҳо аз сӯи шореҳони фиқҳи ҳанафӣ истеҳсон ба қиёс ва истеҳсон ба асар номида шуданд.

Дар таълифоти имом Абуюсуф (рҳ) ба унвони қадимтарин осори фиқҳи ҳанафӣ дида мешавад, ки аз қиёс ба асаре удул шудааст, равише, ки Абуюсуф (рҳ) худаш низ онро истеҳсон номидааст. Дар ин истеҳсон дар муқобили қиёс як асар вуҷуд дорад, ки худ ба танҳоӣ пояи мустаҳкаме барои ҳукми ин фақеҳ ба назар намеояд ва бо корбурди назари иҷтиҳодӣ ба тариқи истеҳсон заъфи санадияти он ҷуброн гардидааст.

Имом Муҳаммад (рҳ) дар китоби «ал-Истеҳсон» аз маҷмӯаи «ал-Асл» ба баёни порае аз масоили фиқҳӣ пардохта, ки пояи судури ҳукм дар тамоми онҳо истеҳсон ва удул аз қиёс ё тарки амал ба он барои риояи урф ва иҷтиноб аз усру ҳарақ мебошад.[2] Дар муқоисаи куллӣ миёни фурӯи фиқҳи имом Абуҳанифа (рҳ) ва ду шогирдаш мавридҳои бешуморе ба чашм мехӯранд, ки дар онҳо Абуҳанифа (рҳ) ба қиёс амал карда ва Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) ба истеҳсон рӯй овардаанд ва қиёсро дар онҳо номуносиб донистаанд. Қавли муътабар назди усулиёни ҳанафӣ лозим будани истеҳсон дар сурати қубҳи қиёс аст.

Корбурди истеҳсон ба ҳавзаи фиқҳи Абуҳанифа (рҳ) ва пайравонаш ё ба ҳавзаи андешаҳои фиқҳии раъйгароён маҳдуд нагашта, балки он назди аҳли ҳадис ё рӯйкарди насгароён дар Ҳиҷозу Шом низ муътабар аст. Мас., имом Авзоъӣ (рҳ) – фақеҳи Шом дар баҳсе дар бораи ҷорияи муғаннияи – мутрибазан сухан аз бутлони байъи он гуфта ва тасреҳ кардааст, ки ин ҳукм бар пояи истеҳсон аст, дар ҳоле ки қиёс сиҳҳати онро тақозо мекунад. Ба гуфтаи Ибни Қосим – фақеҳи моликӣ, имом Молик (рҳ) истеҳсонро аз даҳ нуҳ ҳиссаи илм (фиқҳ) гуфтааст ва дар мавридҳои бисёре, ки аз қиёс удул карда, онро ба таври сареҳ истеҳсон номидааст. Бо вуҷуде, ки аз имом Аҳмад (рҳ) ақволи мухталифе дар қабул ё радди истеҳсон ривоят шуда, вале ҳанбалиён дар умум онро ба унвони яке аз далелҳои ёрирасон барои иҷтиҳоди аҳкам қабул доштаанд.

Имом Шофеъӣ (рҳ) дар таълифоти худ истеҳсонро бо ин бардошт, ки он ҷуз писанди шахсӣ асоси дигаре надорад, ботил ва онро навъе беназмӣ дар иҷтиҳод донистааст, зеро ба ақидаи вай, он қиёсро, ки яке аз асосҳои иҷтиҳод аст, бекор (муаттал) мегардонад. Вай илова бар баҳсҳои парокандае дар ҷо-ҷои осори худ дар ин замина, дар радди истеҳсон, китобе ҳам бо номи «Ибтолу-л-истеҳсон» таълиф кардааст ва аз ӯ ин ибора маъруф гашта, ки: «Манистаҳсана, фақад шарраъа – Ҳар касе истеҳсон кунад, дар воқеъ, ташреъ (аз пеши худ бо номи шаръ қонунгузорӣ) кардааст». Бо ин вуҷуд, вай дар се масъалаи фиқҳӣ: яке дар боби мутъ-

[1] Истеҳсон дар урфи қонунгузории имрӯз рӯй овардан ба рӯҳи қонун ва эътимод бар камоли фақоҳат (ҳуқуқшиноси)-и муҷтаҳид ва фарогирии мутлақи ӯ аз шариат дар он мавриде аст.

[2] Муҳаммад ибни-л-Ҳасан аш-Шайбонӣ. Китобу-л-Асл ал-маъруф би-л-Мабсут. – Ҷ. 3. - Бейрут: Оламулкитоб, 1990.

аи талоқ,[1] дигаре дар боби шуфъа ва сеюм дар боби мукотаба ба истеҳсон рӯй овардааст. Бинобар ин, таҳқиқ он аст, ки хилоф миёни аиммаи мазоҳиб дар ин маврид лафзӣ аст, зеро бо майлу ҳавои худ ва бе далели шаръие писандидани чизе ботил ва назди ҳамаи аимма мардуд аст, вале удул аз як далел ба далели дигарро, ки қавитар аз он аст, касе инкор намекунад.

Истеҳсон ба эътибори ваҷҳи удул ба ду қисм аст, яке истеҳсони бо қиёс ва он истеҳсоне аст, ки дар он удул аз як қиёси ҷалӣ ва заъифуласар ба қиёси дигаре, ки хафӣ, вале қавиюласар аст, сурат гирифтааст. Дуюм истеҳсоне аст, ки ваҷҳи удул дар он иноят ба як асар ва суннат, иҷмоъ ё зарурате буда, ки тарки қиёсро тақозо менамояд.

Қисми аввал он аст, ки дар масъала ду васф вуҷуд дошта, ки ду қиёси бо ҳам мутабоинро тақозо мекунанд, яке зоҳир ва ба фаҳм наздик, ки он ҳамон қиёси истилоҳӣ аст, дигаре хафӣ ва дақиқ, ки илҳоқи масъаларо ба асли дигаре тақозо мекунад ва истеҳсон номида мешавад, яъне дар қазия бо назар ба ҳукми он ҳар ду қиёс мунтабиқ меоянд, лекин яке аз онҳо зоҳир аст ва дар назоири ин масъала, ки ҳама дар зимни як асл қарор доранд, ба он амал мешавад ва қиёси дигар дар ин масъала хафӣ аст ва дар назоираш амал намекунад, вале дар ин масъала қароине вуҷуд дорад, ки амал ба ин қиёси хафиро мӯҷиб мегардад. Пас қиёси дақиқ ва хафие, ки асари қавӣ дорад (яъне ҳуҷҷати қавитар ва назари садидтар аст), бар қиёси зоҳире, ки асари заъиф дорад, тарҷеҳ дода мешавад. Он низ қиёс аст, вале аз қиёси аввал хубтар (мустаҳсан) ва қавитар аст. Мас., пасмонда (суър)-и парандагони даранда (шикорӣ), бо қиёс ба суъри одамӣ, пок аст, дар ҳоле ки пасмондаи ҷонварони даранда нақис аст. Сурати масъала ин аст, ки гӯшти парандагони даранда ва ҷонварони даранда ҳар ду нақис (ҳаром) аст ва луоби онҳо низ нақис аст, зеро он аз гӯшташон таровиш менамояд ва вақте он ба об ё пасхӯрдаи онҳо мерасад, онро нақис мегардонад. Қиёси зоҳир тақозо мекунад, ки тибқи қоидаи фарогири фиқҳӣ пасмондаи ҳар ду нақис ва нопок бошад, дар ҳоле ки танҳо пасмондаи ҷонварони даранда нақис дониста шудааст. Дар ин масъала қиёси дақиқ ва хафии дигаре ба назари муҷтаҳид омадааст, ки парандагони даранда, ба мисли уқоб, каргас, калхот ва ғ., бо минқорашон об мехӯранд ва луобашон ба об намерасад. Пас он нақис намегардад, аммо аз рӯи эҳтиёт фуқаҳо онро макрӯҳ гуфтаанд, зеро имкон дорад, ки бо минқорашон лоша ё дигар чизҳои ҳаром хӯрда бошанд. Пас масъалаи мавриди назар аз назоири худ дар ҳукм истисно шуда, ба тариқи истеҳсон қиёси хафӣ бар қиёси ҷалӣ, ки дар тамоми афроди ҷинасаш умумият дорад, тарҷеҳ дода шудааст.

Дар қисми дуюм мӯҷиб ё ангезаи рӯй овардан ба истеҳсон мухолифати қиёс бо асар ё иҷмоъ ва ё зарурате аст, ки дар сурати амал ба қиёс мардум дар ҳарақ ва тангно қарор мегиранд, на иллат ё қиёси хафие, ки асараш қавитар аз қиёс ё иллати зоҳир бошад. Ин қисми истеҳсон ба се навъ: истеҳсони суннат ё асар, истеҳсони иҷмоъ ва истеҳсони зарурат тақсим мешавад.[2]

Истеҳсони асар ё суннат он аст, ки дар суннати набавӣ дар масъа-лае ҳукме ворид шавад,

[1] Худованд фармуда: **«Гуноҳе бар шумо набошад, агар занонро талоқ намоед, модоме ки ба онҳо даст нарасонида бошед ё бароятон миқдоре (аз маҳр) муайян накарда бошед ва ба онҳо (дар ин сурат) мутъа – баҳрае диҳед, ки бар доро андозаи ҳудаш ва бар нодор андозаи ҳудаш аст, баҳрае бо некӣ, ки ҳақ аст бар некукорон»** (Сураи Ба-қара, 2: 236). Имом Шофеъӣ (рҳ) мегӯяд: Истеҳсон мекунам, ки ин баҳра 30 дирҳам бошад (Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва л-улум. – Ҷ. 1, зайли моддаи истеҳсон).

[2] Ҷумҳури уламои усули фиқҳи ҳанафӣ истеҳсонро, чӣ тавре гуфта шуд, ба чаҳор қисм тақсим кардаанд, вале баъзе муҳаққиқони муосир, ба мисли Мустафо Аҳмад Зарқо, онро танҳо ду навъ: истеҳсони қиёс ва истеҳсони зарурат медонанд ва ду навъи дигари онро аз истеҳсони истилоҳӣ хориҷ медонанд. Зеро мақсуд аз истеҳсон удули фақеҳи муҷтаҳид аз ҳукми қиёс ба қиёси хафии қавиасар ё ба ҳукми зарурат аст, дар он ҷое, ки ба сабаби набудани насси шаръӣ, қиёс ҷоиз аст. Аммо дар он ҷое, ки дар сарчашмаҳои сегонаи шаръ – Китоб, Суннат ва иҷмоъ нассе вуҷуд дошта бошад, дигар маҷоле барои қиёс ва истеҳсон боқӣ намемонад. Зеро он сарчашмаҳои сегона бар қиёсу истеҳсон муқаддаманд ва қиёсу истеҳсон дар ҷое амал мекунанд, ки дар он се сарчашма ҳукме барои он ворид нашуда бошад.

Дар масоиле, ки дар онҳо бар хилофи назоирашон дар қиёс, бинобар салоҳдиде аз сӯи шореи соҳиби амр, нассе ворид шудааст, он дар ҳақиқат истеҳсони худи шореъ аст, ки дар он каломе вуҷуд надорад. Сухан дар бораи истеҳсони фақеҳи муҷтаҳид аст, ки татбиқоти амалии нусуси шореъро баён мекунад, бар онҳо қиёс менамояд ва тибқи онҳо, бо илҳом аз ҳадафи шореъ ва мақсадҳои шариат, истеҳсон мекунад (ал-Мадхалу-л-фиқҳийю-л-омм. – Ҷ. 1).

ки бо қоидаи маъруф дар амсоли он дар шаръ мухолиф бошад ва он масъаларо аз ҳукми куллии он қоида истисно намояд. Мас., касе аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад ё бинӯшад, рӯзааш дуруст аст, дар ҳоле ки қиёс тақозо мекунад, ки бо хӯрдан ва нӯшидан рӯза фосид шавад. Вале амал ба муқтазои ин қиёс бо ҳадисе, ки дар ин бора аз паёмбар (с) ривоят шудааст (Саҳеҳи Бухорӣ, 1933; Сунани Тирмизӣ, 721), тарк гардидаст. Байъи саламро[1] низ шариат аз ҳукми қоидаи куллии шаръ дар бораи байъ: Байъи маъдум (чизи ғайри мавҷуд назди инсон) ҷоиз нест, истисно ва ба он иҷозат додааст. Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) ба Мадина омад, дар ҳоле ки онҳо (аҳли он) дар хурмо як сол, ду сол ва се сол пеш байъи салаф[2] мекарданд. Фармуд: ***«Касе дар хурмо*** ва дар ривояте аз Бухорӣ: ***дар чизе байъи салаф намояд, пас дар кайл (паймона)-и маълум, вазни маълум ва то муҳлати маълум салаф намояд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2239–2244; Сунани Абудовуд, 3465; Сунани Тирмизӣ, 1311).[3]

Истеҳсони иҷмоъ он аст, ки дар коре бар хилофи қоидаи куллӣ иҷмоъ сурат гирад, ба мисли байъи истисноъ, ки он дар асл байъи маъдум аст, вале аз ҷиҳати ниёзи ом ба он бо иҷмоъ ва ба тариқи истеҳсон ҷоиз дониста шудааст.

Истеҳсони зарурат он аст, ки муҷтаҳид, барои рафъи ниёз ё ҳарақ аз мардум, дар масъалае мухолифи ҳукми қоидаи куллӣ дар назоири он амал кунад, ба сабаби зарурате, ки онро мӯҷиб мегардад ё маслаҳат (салоҳи кор ё ниёз)-е, ки онро тақозо мекунад, аз қабили ҷалби манфиат ё дафъи мафсада (табоҳи)-е. Ин вақте пеш меояд, ки умумият ё тадовуми пайваста (иттирод)-и ҳукми қиёс дар баъзе масоил ба ҳарақ ва машаққат анҷомад, пас ба тариқи истеҳсон аз он қиёс ба ҳукми дигаре гузар мекунад, то он ҳарақ ва мушкил бо он бартараф гардад,[4] ба мисли поксозии чоҳҳо ва ҳавзҳо. Зеро қиёс тақозо мекунад, ки онҳо танҳо бо рехтан ва ҷорӣ сохтани оби равон бар онҳо пок гарданд, вале он машаққат ва мӯҷиби ҳарақ мегардад. Пас барои рафъи ин ҳарақ амал ба муқтазои қиёс тарк ва бо берун кашидани миқдоре аз оби онҳо бо сатил ба покии оби онҳо ҳукм шудааст. Истеҳсони зарурат гоҳе бо урф ва таомули мардум низ собит мешавад, ба мисли ақди истисноъ, ки бо зарурати урф собит шудааст.[5]

Истеҳсон агар истеҳсони қиёс бошад, яъне қиёси хафии қавиасар бар қиёси зоҳири заъифасар тарҷеҳ дода шуда бошад, ҳукми он, ба сабаби вуҷуди иллати мутааддӣ (гузаранда) ва холӣ аз монеаҳо, ба моварои худ мегузарад, аммо агар истеҳсони асар ва суннат ё иҷмоъ бошад, ҳукми он ба амри маскутун анҳ (моварои он) намегузарад. Зеро нас ва иҷмоъ бар хилофи қиёс аст ва қиёс ба он ҷоиз нест. Ба монанди вуҷуби савганд бар фурӯшанда, агар миёни вай ва харидор пеш аз қабзи чизи мавриди муомала ва дарёфти маблағ дар миқдо-

[1] Салам пешфурӯш кардани хурмо, ғалла ва монанди онҳо, ки аз назари фиқҳӣ бо шароите саҳеҳ ва ҷоиз аст. Салам ва салаф дар ин ҷо ҳар ду як маъно доранд.

[2] Салаф пешбайъ – пешфурӯш, пешхарид; муомалае, ки дар он қимат (маблағ) ба сурати нақд пардохта мешавад, вале дарёфти колои мавриди муомала дар оянда сурат мегирад.

[3] Аз ин ҳадис ду нуктаи усулӣ ба даст меояд, яке истеҳсони асар ё суннат, ки тибқи он, аз қоидаи куллии шаръ дар бораи байъ ҳукми салам истисно шудааст, дар ҳоле ки қиёси зоҳир тақозо мекард, ки байъи салам ба мисли назоири худ бар асоси он қоидаи куллӣ ҷоиз набошад, вале амал ба муқтазои он ба сабаби вуруди суннат тарк гардида ва дар он истеҳсони асар ё суннат сурат гирифтааст. Дуюм, он ки аз сӯи паёмбар (с) урф ва таомули аҳли Мадина ба эътибор гирифта шуда ва ба иқтизои он амал шудааст.

[4] Масоиле, ки баъзеашон бо баъзе дигар қиёс мешаванд, гарчи аз як ҷинс ва бар асосҳои муштарак барпо бошанд ҳам, гоҳе натоиҷи онҳо дар адлу ҷавр ва душворию осонӣ, ба сабаби тафовути мавзӯташон ва он авориз (осор, натоиҷ, пайомадҳо) ва мулобасот (муҳит, фазо)-е, ки онҳоро фаро гирифтаанд, фарқ мекунанд. Мас., амволи кайлӣ (паймонай) ва вазнӣ шаръан аз амволи рибавӣ ба шумор мераванд, ки ҳукми рибои фазл (зоид) дар онҳо ҷорӣ аст. Бинобар ин, қарз додани чизе аз ин амвол ва дарёфти бештар аз он ҷоиз нест, ҳамчунин байъи баъзе аз онҳо бо ҷинси худ ба миқдори бештар аз он ҷоиз нест. Лекин фуқаҳои ҳанафӣ ба тариқи истеҳсон ва бар хилофи қиёс ба ҷавози қарз гирифтани нон бо адад дар байни ҳамсоягон ҳукм кардаанд, гарчи вазни гирда (қурс)-и нонҳо каме аз ҳам фарқ кунад, зеро зарурат ва ниёзи мардум онро тақозо мекунад, андешаи рибо ва судҷӯӣ дар ин амалия комилан мунтафӣ аст (вуҷуд надорад) ва чунин тафовутҳои ҷузъӣ урфан ночиз ва беэътибор ҳастанд (ал-Мадхалу-л-фиқҳийю-л-омм. – Ҷ. 1).

[5] Агар истеҳсон ва қиёс дар масъалае дар таоруз қарор гиранд, истеҳсон бар қиёс муқаддам аст, яъне вақте дар масъалае гуфта шавад, ки ҳукми он аз рӯи қиёс чунин ва аз тариқи истеҳсон чунин аст, пас ҳамеша ҳукми истеҳсон роҷеҳ ва маъмул аст.

ри нарх низоъ ва ихтилоф шавад.[1] Ин ҳукм – вуҷуби савганд дар сурати фавти яке ё ҳар дуи онҳо ба ворисонашон мегузарад ва ҳамин тавр ба баъзе абвоби дигари фиқҳӣ, ба мисли иҷора низ, мегузарад. Зеро ҳукми он бо истеҳсон собит шудааст. Аммо агар ихтилофи онҳо пас аз қабз ва дарёфти маблағ сурат гирад ва моли мавриди муомала мавҷуд бошад, пас ҳар ду савганд мехӯранд ва чизи дарёфткардаашонро ба якдигар боз мегардонанд. Ин ҳукм ба ворисони онҳо намегузарад ва дар ҳаққи онҳо собит намешавад, ҳамчунин ба дигар абвоби фиқҳӣ намегузарад. Зеро он бо асар собит шудааст[2] ва нас ба ҳукми чизе, ки ба таври махсус дар бораи он ворид шудааст, хос мебошад.[3]

25. **Урф** (ар.: **عرف**, одат, расм; равиш; ҳар он хайре, ки нафс онро бишиносад ва ба он ором гирад, муқобили нукр[4]), дар истилоҳи усулӣ ва фиқҳӣ, ҳар он чи бо шаҳодати ақлҳо дар нафсҳо қарор (ҷой) гирифта ва (ба сабаби тадовуми амал ва таомули мардум) табоеъ[5] (зеҳнҳо, табиат ва зоиқаи инсонҳо) онро пазируфта бошанд ва дар истилоҳи ҷомеашиносӣ, маҷмӯаи расмҳо, рафторҳо ва боварҳо (эътиқодот)-е, ки дар як ҷомеа аст ва маншаи онҳо маъмулан рафтори ҷамъии афроди он ҷомеа аст; маҷмӯаи истилоҳот ё мафоҳиме, ки

---

[1] Тибқи қоидаи фиқҳӣ: «Баййина (ҳуҷҷат) бар муддаӣ (даъвогар) ва ямин (савганд) бар касе аст, ки инкор кунад», дар тамоми абвоби фиқҳӣ ва муомалоте, ки дар онҳо миёни ду кас даъво ва мухосама шавад, даъвогар барои исботи даъвояш бояд ҳуҷҷат ва баййина биёварад. Агар вай аз овардани баййина оҷиз ояд, пас хасм – ҷонибе, ки даъвои ӯро инкор мекунад, савганд дода мешавад. Ин қоида бар пояи ҳадисе, ки дар Сунани Тирмизӣ (1341) бо ин лафз: ***«Баййина бар муддаӣ ва савганд бар муддао алайҳ аст»*** ривоят шудааст, бино ёфтааст.

Фурӯшанда ва харидор вақте пеш аз қабзи мол ва дарёфти маблағ дар қимати он ихтилоф ва низоъ кунанд, ҳар ду ба вақҳе муддаӣ ба шумор мераванд аз он қоидаи куллӣ истисно ва тибқи асли истеҳсон барои ҳалли низоъ ҳар ду савганд дода мешаванд, дар ҳоле ки қиёси зоҳир тақозо мекард, ки яке аз онҳо (муддаӣ – фурӯшанда) баййина биёварад ва дар сурати оҷиз омадан аз он хасм (харидор) савганд дода шавад. Ин масъала ва татбиқоти амалии он бо қавоиди фиқҳӣ фурӯъ ва тафсилоте дорад, ки дар китобҳои фиқҳ ҷустуҷӯ мешаванд.

[2] Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд аз расули Худо (с) ривоят шудааст: ***«Вақте мутабоион (фурӯшанда ва харидор) дар саман (қимати чизи мавриди муомала) ихтилоф карданд ва мол ҳанӯз мавҷуд бошад, савганд мехӯранд ва байъро ба якдигар бозмегардонанд (фасх мекунанд)»***. Бар асоси ин ҳадис вақте мутабоион пас аз қабзи моли мавриди муомала ва дарёфти маблағи он бо ҳам дар қимати он ихтилоф карданд, ҳар ду савганд мехӯранд ва байъро фасх мекунанд. Аз он ҷо ки ин ҳукм бо суннат собит шудааст, маҳдуд ба ҷои вурудаш мешавад ва ба ворисони онҳо намегузарад.

Ин ҳадис аз роҳҳои гуногун ривоят шудааст, ки аксари онҳо аз заъф холӣ нестанд, вале дар маҷмӯъ якдигарро таъйид мекунанд ва ба дараҷаи ҳадиси ҳасан мерасад. Аз сӯи дигар, бисёре аз муҳаддисон, ба мисли Таҳовӣ, мефармояд: Ин ҳадис ва аҳодиси дигаре ба мисли он аз ҷиҳати иснод ба сиҳҳат нарасидаанд, вале аҳли илмро бар ин ёфтем, ки бар онҳо эҳтиҷоҷ (ҳуҷҷатоварӣ) кардаанд, пас ба сиҳҳати онҳо назди эшон воқиф гаштем ва бо сиҳҳати исноди онҳо назди эшон аз талаби исноди ин аҳодис мустағнӣ гаштаанд (Шарҳу мушкили-л-осор, 2389, 4481–4484).

Дар ин масъала ва масъалаи пеш аз он, агар кори онҳо ба низоъ наанҷомад, ниёзе ба овардани ҳуҷҷат ё савганд додани яке ё ҳар дуи онҳо боқӣ намемонад, агар муддаӣ барои исботи ҳаққи худ баййина биёварад, дар ин сурат низ ба савганд додани онҳо ниёзе боқӣ намемонад, ҳамчунин агар муддао алайҳ (мункир ва дар масъалаи пешин яке аз муддаиён) ба дурустии гуфтаи муддаӣ иқрор намояд, ниёзе ба савганд додани вай боқӣ намемонад. Ин масоил тафсилоти дигаре низ доранд, ки дар фурӯъи фиқҳӣ баён мегарданд.

[3] Шамсуддин ас-Сарахсӣ. ал-Мабсут. – Ҷ. 10. – Бейрут, 1989; Дурару-л-ҳукком шарҳу Маҷаллати-л-аҳком; Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Ҷ. 2.; Фатҳулборӣ. – Ҷ. 5, 12; Танқеҳу-л-усул маъа шарҳиҳи-л-мусаммо би-т-Тавзеҳ маъа-т-Талвеҳ. – Ҷ. 1; ат-Тақриру ва-т-таҳбир. – Ҷ. 1; Муҳаммадамин ибни Умар ибни Обидин аш-Шомӣ. Насамоту-л-асҳор, шарҳу Шарҳи-л-Манор. – Карочӣ, 1418 ҳ.; Ибну-л-Арабӣ. Аҳкому-л-Қуръон; ат-Таърифот; ал-Мавсӯату-л-фиқҳийя. – Ҷ. 3; Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 2; Фахру-л-ислом Алӣ ибни Муҳаммад ал-Баздавӣ. Канзу-л-вусул ило маърифати-л-усул маъруф ба Усули Баздавӣ. – Оромбоғи Карочӣ, бе зикри соли чоп; Алоуддин, Абдулъазиз ибни Аҳмади Бухорӣ. Кашфу-л-асрор ан Усули Фахри-л-ислом ал-Баздавӣ. – Ҷ. 4. – Бейрут, 1997; Зайнуддин ибни Иброҳим ал-Маъруф би Ибни Нуҷайм ал-Ҳанафӣ. ал-Ашбоҳу ва-н-назоир. – Димишқ, 1982; Муҳаммад Абузуҳра. Абуҳанифа: ҳаётуҳу ва асруҳу – ороуҳу ва фиқҳуҳу. – Қоҳира, 1997; Фавотеҳу-р-раҳмут бишарҳи Мусаллами-с-субут. – Ҷ. 2.; Ҳусайн ибни Алӣ ибни Ҳаҷҷоҷ маъруф ба Ҳусомуддини Сиғноқӣ. ал-Кофӣ шарҳу-л-Базадвӣ. – Ҷ. 4; Абуҷаъфари Таҳовӣ. Шарҳу мушкили-л-осор. – Бейрут: Муассасату-р-рисолат, 1994; Шарҳу маони-л-осор, 6147. – Ҷ. 4. – Бейрут: Оламулкитоб, 1994; Аҳмад ибни Муҳаммад аз-Зарқо. Шарҳу-л-қавоиди-л-фиқҳийяти. – Димишқ: Дорулқалам, 1998.

[4] Урф аз решаи «арафа – عَرَفَ», ба маънои донистан, шинохтан ё некӣ ва маъруф баргирифта шудааст.

[5] Дар баъзе матнҳо: табоеи салима – солим омадааст.

дар ҷомеа ё дар миёни гурӯҳ ва қишри хоссе аз ҷомеа пазируфта шудааст.[1] Урф ва одат аз ҳайси мисдоқҳои амалӣ ба як маъно ҳастанд, гарчи дар мафҳум аз ҳам фарқ кунанд.[2]

Урф назди усулиён ва фуқаҳо аз сарчашмаҳои фаръӣ ва ёрирасони шаръ ба шумор рафта, бисёре аз аҳкоми шаръӣ, ба хуссус дар боби муомилот, аймон (савгандҳо), ҳуқуқи мутлақа ва масоил (умур)-и андозапазир, бар он бино ёфтаанд.[3] Эътибори урф ба ҳайси сарчашмаи аҳкоми шаръӣ истимрорият ва созгории қонунгузории шаръро барои тамоми адвори таърих таъмин кардааст. Зеро бо дигаршавии замонаҳо эҳтиёҷоти мардум низ дигар мешаванд ва бино ба ин тағйирёбиҳо урфу одоти ҷавомеи башарӣ низ мутаҳаввил ва дигар мешаванд. Ва дар натиҷа аҳкоме, ки бар асоси урф бино ёфтаанд, тағйир меёбанд ва бар пояи урфи нав ҳукми худро дар қонунгузории шаръ пайдо мекунанд. Тағйирёбии аҳком бо дигаршавии аҳволи замонаҳо асл ва қоидаи фиқҳиест, ки тамоми фуқаҳо ба он иттифоқи назар доранд.

Таомули мардум бар чизе ё амалкарди пайвастаи онҳо бо коре дар мавридҳое аз муомалот, аймон ва ҳуқуқи мутлақа, ки аз сӯи шаръ

---

[1] Аммо одатҳои шахсии инсон, ба мисли одати вай дар хобидан, хӯрдан, сухан гуфтан, роҳ рафтан ва ғ. урф номида намешаванд ва дар бинои аҳком ҳеҷ дахле надоранд. Дар таърифи одат омадааст: Одат он амрест, ки дар нафсҳо қарор (ҷой) гирифта ва назди соҳибтабъони солим бо такрори пайвастааш мақбул афтодааст. Аммо коре, ки тасодуфан як-ду бор иттифоқ меафтад ва мардум ба он одат накардаанд, одат (-и истилоҳӣ) ба шумор намеравад ва ҳукми шаръие ба он собит намегардад (Дурару-л-ҳукком шарҳу Маҷаллати-л-аҳком. – Ҷ. 1, зайли моддаи 36. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, бе зикри соли чоп).

[2] Мафҳуми урф ва одат дар луғат аз ҳам фарқ дошта бошад ҳам, дар ифодоти фуқаҳо ба як маъно корбурд шудаанд. Аз ин рӯ, дар баъзе матнҳо ба ҷои урф истилоҳи одат ба кор рафтааст ва фуқаҳо қоидаи муҳимми фиқҳиеро бо ин лафз: «Одат муҳаккама аст», бино ниҳодаанд, яъне одат, омм бошад ё хос, дар исботи ҳукми шаръӣ дар масоили зиёде ҳоким ва довар гардонида шуда ва дар вақти низоъ ё муайян набудани андозаи умури ҳуқуқӣ ва мосоили андозапазир ба он ручӯъ мешавад.

Аз фурӯъ – шохаҳои ин қоида яке муайян кардани андозаи оби ҷорӣ аст, саҳеҳтар он аст, ки ҳар миқдор оберо, ки мардум дар урфи худ ҷорӣ бишуморанд, он ҷорӣ аст. Ҳамчунин оби бисёре, ки дар аҳком мулҳақ ба оби ҷорӣ аст, саҳеҳтар он аст, ки таъйини ҳадди он ба раъйи шахси гирифтор ба он вогузор гардад, на ин ки миқдори он бо чизе, аз қабили даҳ дар даҳ гази шаръӣ ва монанди инҳо, муайян карда шавад. Назари худи имом Абуҳанифа (рҳ) дар тамоми масоили андозапазир, аз ҷумла оби ҳавз, он аст, ки ба урфи мардум ва раъйи шахси гирифтор ба он вогузор гардад, вале фуқаҳои мутааххир барои рафъи ҳарач аз мардум, яксон гардонидани назароти мутафовит ва осон намудани ҳалли масъала ба ченак ё стандарти даҳ дар даҳ гази шаръӣ барои ҳадди поёнии ҳавзҳо, ки бо афтодани наҷосат дар он оби он наҷис намегардад, фатво додаанд.

Аз ҷумла амали касир – бисёре, ки муфсиди намоз аст, ба урф ҳавола гардидааст, агар он ба ҳайс ё сурате бошад, ки бинанда намозгузорро дар беруни намоз гумон кунад, он амали касир ба шумор меравад ва муфсиди намоз аст. Тановул аз меваҳои ба замин афтода, бе иҷозати соҳиби боғ, низ ба урфи мардум вобастааст. Таълим додани саги шикорӣ тарк – нахӯрдани гӯшти сайдро бо се бор тарк кардани он одат ба шумор меравад. Аз ҷумла, агар котиб ва нусхабардореро барои навиштани чизе кироя кунад, фуқаҳо гуфтаанд, ки ранг ва қалам бар зиммаи котиб аст, агар хайётеро барои дӯхтани чизе кироя кунад, бо амал ба урф сӯзан ва ришта бар дӯзанда аст. Агар шахсеро бо маркабаш, аз қабили асп, мониш ва ғ., барои коре ё расонидани бор ба ҷое кироя кунад, алафи чаҳорпо ва сӯхти мошин бар зиммаи соҳибаш аст, на бар кироягар (ал-Ашбоҳ ва-н-назоир. – С. 103–104).

Манзури фуқаҳо дар баъзе мавридҳо аз ин гуфта, ки бо ду ё се бор такрор ёфтани амале он одат мешавад, ба мисли қавли онҳо дар бораи саги шикорӣ. одати шахсӣ ва фардӣ аст. Аммо одоти мардумӣ, ки ба маънои урфи ҷумҳури онҳост, бо тадовул, тадовум ва такрори пайваста ё ғолибан ҳосил мешаванд, на бо ду ё се бор.

[3] Тартиби адилла – сарчашмаҳои аслӣ ва фаръӣ барои истинботи аҳком назди Абуҳанифа ва муҷтаҳидони мазҳаб чунин аст: Аввал китоби Худо, дуюм, суннати паёмбар (с), сеюм, ақволи саҳоба ва иҷмоъ, сипас қиёс, истеҳсон ва дар охир урф. Дар китоби Маноқиби Абуҳанифа (рҳ) аз Саҳл ибни Музоҳим ривоят шудааст: Каломи Абуҳанифа ахз (амал ва гирифтан) ба сиқа (мавсуқ ва муътамад), гурез ва дурӣ аз қубҳ ва назар дар муомалоти мардум ва он чи бар он мустақим (рост ва барқарор) гардидаанд ва умури эшон бар он ба салоҳ омада, аст. Корҳоро (дар он ҷо ки далеле дар бораи он дар Китоб, Суннат ва иҷмоъ вуҷуд надошта бошад) бар пояи қиёс ба роҳ мемонд ва дар мавриде қиёс қабеҳ (зишт) бошад, онҳоро бар асоси истеҳсон ба иҷро дармеовард, модоме ки истеҳсон ба кор ояд. Агар он бароях мувофиқ наояд, ба таомул ва урфи мусулмонон муроҷиат мекард. Ҳадиси марфӯеро, ки бар рафъи он иҷмоъ шуда, асл қарор медод, он гоҳ (масоилеро бо ҷомеи иллат) ба он қиёс мекард, модоме ки қиёс дар он хуб бошад, сипас ба истеҳсон ручӯъ мекард ва кадоме аз онҳо мавсуқтар ё созгортар буда бошад, ба он амал мекард. Саҳл мегӯяд: Ин аст илми Абуҳанифа (рҳ), ки он илми омма аст (ал-Муваффақ ибни Аҳмад ал-Маккӣ. Маноқибу-л-Имоми-л-Аъзам Абиҳанифата (рҳ). – Ҷ. 1. – С. 82. – Ҳайдаробод (Дакан), 1321 ҳ.).

дар онҳо нассе ворид нашудааст ё насси шаръӣ дар он ворид шуда, вале урф ва таомули мардум бо он дар таоруз нест, ҳуҷҷат ба шумор меравад ва ба он амал карда мешавад. Агар таомули мардум омм бошад, дар ҳаққи умум ҳуҷҷат ба шумор меравад, мас., даст ниҳодан бар чизе ва тасарруф дар он зоҳиран далели моликияти он чиз аст.[1] Ва агар ба сарзамине хос бошад, назди машоихи Балх дар ҳаққи аҳли он сарзамин ҳуҷҷат ба шумор мешавад ва он дар ин сурат урфи хос ба ҳисоб рафта, бо он ҳукми хос собит мешавад.

Урф ба ҳасаби корбурди лафзҳои мутадовил ва маъмул дар баъзе маонӣ ё ба ҳасаби аъмоле, ки мардум анҷом медиҳанд, ба ду қисм: урфи қавлӣ (лафзӣ) ва урфи амалӣ тақсим мешавад.

1. Урфи қавлӣ он аст, ки мардум ё тоифае аз онҳо итлоқи лафзеро бар маъное то ҷое таоруф (таомул ва одат) кунанд, ки ҳангоми шунидани он лафз ҷуз он маъно ба зеҳн наояд (фаҳмида нашавад), ба мисли корбурди дирҳам дар пул ва нақди роиҷ.[2] Уфи қавлӣ вақте ҳосил мешавад, ки лафзҳо аз маонии луғавии худ берун оварда ва дар маонии дигаре ба кор бурда шаванд ё ба баъзе афроди навъ ва ҷинси худ хос гардонида шаванд, то он ки корбурдаш дар он маъно мутадовил ва маъмул гардад.[3] Ба мисли лафзи «добба», ки дар луғат ба маънои ҷунбанда аст, вале дар уфи аҳли забон то ҷое дар маънои чаҳорпо корбурд шуда, ки ҳангоми шунидан аз он маънои чаҳорпо фаҳмида мешавад.[4] Агар маънои луғавии онҳо ҳамчунон мутаораф ва маъмул боқӣ монад, пас он ҳақиқати урфӣ ё урфи қавлӣ номида намешавад, балки ҳақиқати луғавӣ аст.

Фуқаҳо урфи қавлиро муътабар дониста, лафзҳои тасарруфоти мардумро ба он ҳамл кардаанд ва онро дар ҳавзаи қазо (аҳкоми додгоҳӣ) ва фатво малҳуз доштаанд. Онҳо тасреҳ кардаанд, ки лафзи ҳар мутакаллим ва соҳибқавл ба урфи худаш ҳамл мешавад. Агар гӯяндаи лафз шореъ – қонунгузор (шариат) бошад, он ба ҳақиқати шаръӣ ҳамл мешавад ва мегӯянд дар урфи шаръ чунин аст, агар гӯяндаи лафз аҳли луғат бошад, калом ба урфи онҳо ҳам мешавад. Лафзҳо ё каломи мардум, ки ақд (қарордод)-ҳо ва тасарруфот дар атрофи онҳо доиранд, бар урфи худи мардум дар мухотаботашон ҳамл мешаванд ва он илтизомот (тааҳҳудот ва масъулиятҳо)-е, ки аз он ҳосил мешаванд, бар ҳасаби он маъное, ки лафз дар урф ифода мекунад, ҷорӣ дошта мешаванд.[5] Урфи қавлӣ бо

---

[1] Мисоли дигар, шахсе барои хариди мол ё маводди зарурӣ дар бозор аз касе ёрӣ талабад ва пас аз анҷоми харид шахси ёридиҳанда аз ёриҷӯй талаби музд ва ҳаққи кор кунад, ба таомул ва одати аҳли бозор нигоҳ карда мешавад. Агар дар чунин ҳолат гирифтани ҳаққи кор маъмул ва мутадовил бошад, пас ёридиҳанда метавонад аз ёриҷӯй музди мисл талаб кунад, вагарна, не. Агар шахсе дар лаълӣ ё зарфе мисли он ба касе мева, аз қабили себ, шафтолу ва ғ. эҳдо кунад, бояд лаълӣ ба соҳибаш баргардонида шавад. Зеро вақте мева дар лаълӣ ва зарфҳое мисли он тақдим мешавад, одатан барои хӯрдан эҳдо мегардад ва зарф ба соҳибаш баргардонида мешавад. Аммо агар хурмо, ангур ва мисли онҳо дар сабадча ё себу шафтолу ва ғайри онҳо дар зарфи бастае, ба мисли пакет тақдим шавад, сабадча ва зарфҳои мисли он одатан баргардонида намешаванд. Зеро дар урф мева дар онҳо барои бо худ бурдан эҳло мешавад (Дурар. – Ҷ. 1, моддаи 37).

Мисоли дигар, дар касбҳои дӯзандагӣ, порчабофӣ, қолинбофӣ, заргарӣ ва амсоли инҳо моҳият ва мушахҳасоти таълим ва корфармоӣ (истихдом) то ҷое ба ҳам омехта аст, вақте шахсе ба унвони шогирд назди дӯзанда ва устод кор мекунад, аз як сӯ, дӯзанда тарзи буридан, пора кардан, дӯхтан ва дигар нозукиҳои корро ба шогирд таълим медиҳад ва аз сӯи дигар, шогирд дар рафти омӯзиши касб корҳои устодашро пеш мебарад ва барояш васоил ва саноее омода месозад. Пас дар чунин касбҳо ва коргоҳҳо оё устод аз шогирд ҳаққи таълим мегирад ё шогирд аз устод музди корҳояшро ва ё бо хадамоти мутақобили худ иктифо ва ҳисоби худро баробар медонанд!? Фуқаҳо дар чунин мавридҳо урфи аҳли сарзаминро ҳоким донистаанд ва тибқи урфи онҳо амал мешавад (ал-Мадхалу-л-фиқҳийю-л-омм. – Ҷ. 2).

[2] Лафзи дирҳам имрӯз ба маънои пули роиҷ ва мутадовил дар як кишвар корбурд мешавад, навъ ва арзиши он ҳарчи буда ва ҳатто пулҳои коғазӣ, дар ҳоле ки дирҳам дар асл номи сиккаи нақди нуқрагӣ бо вазн ва арзиши муайян будааст.

[3] Дар ин ҳолат маънои луғавии лафз маҳҷур (матрук) мегардад ё ба маънои маҷозӣ табдил меёбад.

[4] Лафзҳои байъ, широ, иҷора, идда, талоқ ва монанди инҳо дар нусуси шаръ ба ҳамон маонии урфиашон ҳангоми вуруди нусус ҳамл мешаванд, гарчи аз маонии луғавиашон фарқ кунанд. Баъзе лафзҳои дигарро шаръ аз маонии луғавиашон берун оварда, дар маонии хосса ба кор бурдааст, ки ба он урфи шаръӣ ё маонии шаръӣ гуфта мешавад, ба мисли савм, салот, закот ва ғ.

[5] Мас., агар ба шахсе бигӯяд: Бо ҳазор сум (пул) бароям гӯсфанде бихар, он ба пули роиҷи кишвар ва урфи мутадовил дар миёни мардум бармегардад ва вакил ҳақ надо-рад бо ҳазор доллар ё ҳазор суми кишвари дигаре, ки дар он ҷо роиҷ нест, гӯсфанд бихарад.

иттифоқи тамоми фуқаҳо мухассис (хос гардонанда)-и омм[1] (умумияти нас) аст.

2. Урфи амалӣ он кор, равиш ва амале аст, ки мардум дар муомалот ва тасарруфоти худ таомул кардаанд, ба мисли таомули мардум байъро бо доду гирифт (мубодила ва пардохтан) ва ба тариқи истисноъ (дархости сохтани чизе).[2] Ибни Обидин мегӯяд: Урфи амалӣ таомули мардум ба кор, рафтор ва амале аст, ба мисли одати мардуми баъзе сарзаминҳо ба хӯрдани (нони) гандум ва гӯшти гӯсфанд (дар урфи хос). Вақте шахс (дар чунин ҷое) ба вакили худ бигӯяд: Бароям таом ва гӯшт бихар, он бо амал ба урфи амалии онҳо ба (нони) гандум ва гӯшти гӯсфанд бармегардад. Агар барояш нони ҷуворӣ ё ҷав ё гӯшти шутур бихарад, ҷоиз нест. Урфи амалӣ назди фуқаҳои ҳанафӣ, агар урфи омм бошад, мухассиси омм ва муқаййиди мутлақи нас аст, ба монанди мисоли истисноъ.

Урфу одоте, ки миёни мардум дар муомилот ва тасарруфоти онҳо ҷорӣ ҳастанд, ҷонишини нутқ ба лафзҳо мешаванд ва далолати одот ва қароини аҳвол дар тахсиси омм[3] ва тақйиди мутлақ ба манзалаи сареҳи ақвол ҳастанд. Мас., вакил гардонидан дар байъи мутлақ ба саман (нарх)-и мисл ва нақд (пул)-и роиҷи кишвар муқайяд мегардад ва вакил кардан дар никоҳ ба куфъ ва маҳри мисл ҳамл мешавад, зеро аз он лафз дар таомули мардум ин маъно фаҳмида мешавад. Амали саҳоба Урва ибни Ҷаъди Бориқӣ бар ҳамин урф ҳамл мешавад. Паёмбар (с) ба вай диноре дод, то барояш бо он гӯсфанде бихарад. Вай бо он динор ду гӯсфанд харид ва яке аз онҳоро ба диноре фурӯхт ва назди паёмбар (с) ҳам динорро оварда, ҳам гӯсфанде. Паёмбар (с) барояш дар байъ дуои баракат кард. Пас аз он, агар хокро хариду фурӯш мекард, дар он фоида мекард (Саҳеҳи Бухорӣ, 3642). Вай бе иҷозати лафзӣ ва бо эътимод ба иҷозати урфӣ, ки дар бисёр мавридҳо аз урфи лафзӣ қавитар аст, хариду фурӯш кард.

Қавоиди зерин низ аз фурӯи қоидаи урф ва одат мебошанд: 1. Ҳар чизе, ки ашёи фурӯхташуда дар урфи он сарзамин шомил он аст, бе зикри номаш дар байъ дохил мешавад, 2. ҳар чизе, ки бо ашёи фурӯхташуда пайваст бошад, ба сурате ки аз он ҷудошаванда набошад ё аз онҳо ҷудо бошад, вале дар урф ба табаи онҳо фурӯхта шавад, бе зикри номаш дар байъи он дохил мешавад, 3. тобеи ҳар чиз дар вуҷуд, бар асоси урф, дар ҳукм низ тобеи он чиз аст. Пас ашёе, ки одатан дар байъи чизе дохил ҳастанд, бе зикри онҳо дар байъ дохил мешаванд, мас., дар зимни байъи асп банди он дохил мешавад ва агар одати аҳли он сарзамин фурӯши он бо нухтаву лаҷомаш бошад, онҳо низ дар байъ дохил мешаванд, дар байъи шутур нухтааш дохил мешавад, бар хилофи байъи хар ва гӯсфанд, ки дар он бандашон дохил намешавад, магар ин ки он дар ақд зикр гардад ё дар таомули аҳли сарзамине маъмул гашта бошад. Дар байъи ҳавлӣ дарахтон ва хоначаҳои мавҷуд дар ҳитаи он низ дохил мешаванд, гарчи ҳангоми бастани қарордоди хариду фурӯш онҳо зикр нашуда бошанд. Ҳамчунин кироякор, вақте бори касеро мекашонад, онро бояд дар дохили хона ё мағозааш бигузорад, агар он дар байнашон таоруф (таомул) шуда бошад (Дурар. – Ҷ. 1, мод¬даи 36, 230, 575). Агар гове бордор фурӯхта шавад, ҷанин (гусола)-аш бе зикри он дар байъ дохил аст, зеро он дар вуҷуд тобеи гов аст, пас дар ҳукм низ тобеи он аст. Агар шахсе боғашро бифурӯшад ва пеш аз таслими он ба харидор дарахтонаш мева диҳанд, фурӯшанда дигар ҳаққи чидани он меваро надорад, балки он мулки харидор мебошад. Афзоиш ва изофоте, ки пас аз бастани қарордоди байъ ва пеш аз қабзи ашё ва амлок дар онҳо ҳосил мешаванд, мулки харидор мебошанд. Изофоти моли ғасбшуда низ ҳамин ҳукмро доранд, мас., касе аспи шахсеро ғасб кунад ва асп назди ғосиб кура кунад, асп ва нитоҷи он ҳар ду ба соҳиби мол тааллуқ доранд ва ғосиб ҳаққи тамаллуки он нитоҷро надорад (Дурар. – Ҷ. 1, моддаи 47, 236).

[1] Омм ар.: خَاصّ, умумӣ, ҳамагонӣ, фарогир, шомил; куллӣ, дар истилоҳи фуқаҳо ва усулиён, лафзест, ки аз асос барои бисёри номаҳдуд вазъ гардида, тамоми афрод ва ҷузъиёт ё он чиро, ки барояшон салоҳият дорад, фаро мегирад, муқобили хосс.

[2] Урфи амалӣ он аст, ки кор ва амале дар байни мардум ё дар миёни гурӯҳ ва тоифаи хоссе мутадовил ва роиҷ гардад, то ҷое ки дар байни онҳо ба сурати одат ва амри маълуф дарояд, ба мисли пӯшидани дастор ё бараҳна кардани сар дар урфи омм ё дастрас намудани фурӯшанда маводди тиҷоратиашро, ба мисли яхдон, дастгоҳҳои электронӣ ва ғ. ба хонаи харидор, насб ё ҷамъ сохтан (монтаж кардан)-и онҳо дар он ҷо ва додани замонати таъмири он ба муддати мас., як сол, дар урфи хос ба тоҷирон.

[3] Тахсис ар.: تَخْصِيص, хос гардонидан, маҳдуд намудан, дар истилоҳи усулиёни ҳанафӣ, маҳдуд намудани омм ба баъзе афродаш бо далели мустақил ва муқтарин (ҳамроҳ ва ҳамзамон) бо он, муқобили таъмим; хос гардонидани ҳукме бар қисмат ё афроди муайяни як гурӯҳ; ҳуқуқӣ, аз шумули қонун ё ҳукме костан ва онро ба қисмате аз мисдоқҳояш маҳдуд кардан. Тахсис, тибқи таърифи фуқаҳои ҳанафӣ, аз истисно, шарт, ғоят ва сифат, гарчи ба омм пайваст шаванд ҳам, фарқ мекунад ва онҳо тахсис ба шумор намераванд, ҳамчунин он аз насх фарқ мекунад. Хосси истилоҳӣ низ аз тахсиси омм фарқ мекунад.

Фуқаҳо қавоиди фиқҳиеро дар ин замина зикр кардаанд, аз ҷумла: Шарти урфӣ ба мисли шарти лафзӣ аст, маъруф (он чи бо урф собит шудааст) ба мисли машрут (шарт гардонидашуда)-аст, маъруф дар байни тоҷирон ба мисли машрут дар байнашон аст. Сарахсӣ мегӯяд: Маълум бо урф ба мисли машрут аст ё собитшуда бо урф ба мисли собит бо нас аст, собит бо урф собит ба далели шаръӣ аст ва соҳиби Ҳидоя мефармояд: Собит бо одат ба мисли яқиншуда аст.

Урф ба урфи омм ва урфи хос ҷудо мешавад ва дар сурати итлоқ корбурди он дар урфи омм ғолиб аст.[1] Урфи омм он аст, ки оммаи мардум ба он таомул кардаанд, ба мисли касе, ки савганд хӯрад, ки дар манзили фалонӣ по намегузорад, он дар урфи омм ба маънои ба манзили фалонӣ дохил намешавад, аст (по гузоштан дар урф омм ба маънои дохил шудан аст), савора дохили он гардад ё пиёда, ҳонис мешавад.[2] Урфи хос он аст, ки баъзе ё гурӯҳе ва қишре аз мардум ба он таомул кардаанд, на ҳамаи мардум, ба мисли лафзҳо ва корбурдҳое, ки дар урфи шаръ ё урфи гуфтугӯ ё дар урфи тоифа ва қишри хоссе истилоҳ шудаанд, ба мисли истилоҳи рафъ назди наҳвиён (дар урфи қавлӣ) ва ба мисли урфи муҳомиён (адвокатҳо) имрӯз, ки қисмате аз музди даъвоҳои қабулкардаашонро, мас., нисфи онро, ба сурати муаҷҷал – дарҳолӣ дарёфт мекунанд ва қисмате аз онро ба ҳолати бурди даъво ва содир шудани ҳукми додгоҳ ба нафъи соҳиби даъво муаллақ (вобаста) мекунанд (дар урфи амалӣ).[3] Усулиёни ҳанафӣ дар урфи омм иттирод – таомул ва тадовум ё ғалабаи амал ба онро дар байни мардум шарт донистаанд. Бо урфи омм ҳукми омм ва бо урфи хос ҳукми хос собит мешавад.

Урф боз ба саҳеҳ ва фосид тақсим мешавад. Урфи саҳеҳ он аст, ки мардум ба он таомул кардаанд ва дар он мухолифате бо насси шаръӣ, тафвити маслаҳате – фавт сохтани манфиате ё ҷалби мафсадае вуҷуд надорад, ба мисли таомули тақдим шудани ҳадя аз сӯи хостгор ба зани хостгоришуда ва аз маҳр ба шумор нарафтани он. Урфи фосид он аст, ки бо баъзе нусус (далелҳо), қавоид ва ё мақсадҳои шаръ мухолиф бошад, ба мисли таомули мардум бар баъзе қарордоҳои рибавӣ.

Баъзе урфу одоти мардум хуб ва баъзе зишт ва бад мешаванд, зеро на ҳама чизе, ки мардум ба он одат ва таомул мекунанд, аз ниёзи воқеӣ ва фоидаи ҳакимона нашъат мегиранд, то амри мутадовил василаи осонсозандае барои он бошад. Гоҳе миёни мардум одоте пайдо мешавад, ки бар асоси ҷаҳолат, хурофот ва гумроҳиҳои маврусӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҷомеа бо онҳо бадбахт мегардад, ба монанди ғулом сохтани қарздори нодор дар даврони ҷоҳилияти араб ва дар Руми қадим, зинда ба гӯр кардани духтарон, зинда дафн кардани зан ҳамроҳи шавҳари фавтидааш назди ҳиндиёни бутпараст, дафни ашёи нафис ва амволи қиматбаҳо ҳамроҳи соҳибони фавтидаашон назди мисриёни қадим ва ғ.[4]

---

[1] Баъзе матнҳо урфро аз ин ваҷҳи ба се қисм тақсим кардаанд ва урфи шаръиро бар урфи омм ва хос афзудаанд. Урфи шаръӣ иборат аз истилоҳоте аст, ки шаръ онҳоро аз ҳақоиқ ва маонии луғавиашон берун оварда ва дар маонии махсусе ба кор бурдааст. Бо корбурди онҳо дар маонии шаръӣ маънои луғавиашон бекор гаштааст, ба мисли намоз (салот дар луғат ба маънои дуо), закот (дар луғат ба маънои нумӯ ва афзоиш), ҳаҷ (дар луғат ба маънои қасд), талоқ, идда ва ғ. (Дурар. – Ҷ. 1, моддаи 36).

[2] Урфи омм он аст, ки дар тамоми сарзаминҳои исломӣ ё дар аксари онҳо бе ҳеҷ гуна мухолифате интишор ёфтааст, ба мисли кушодадастӣ дар инфоқ дар айёми идҳо ва тӯйҳои арӯсӣ. Дар Дурар овардааст: Урфи омм назди мо он урфест, ки аз аҳди саҳоба то замони мо ҷорӣ ва мутадовил аст ва муҷтаҳидон онро қабул ва ба он амал кардаанд, гарчи мухолифи қиёс бошад (Ҷ. 1, моддаи 36). Вале баъзе муҳаққиқон, ба мисли Абузуҳра, ин таърифи урфро иҷмоъ, балки комилтарин маонии иҷмоъ гуфтааст ва таърифи аввалро тарҷеҳ додааст (Муҳаммад Абузуҳра. Абуҳанифа: ҳаётуҳу ва асруҳу – ороуҳу ва фиқҳуҳу. – С. 310. – Қоҳира, 1997).

[3] Урфи хос он аст, ки дар миёни мардуми сарзамине ё қабилае ё қишр ва тоифае аз мардум, ба мисли тоҷирон, зореон ва ғ. интишор ёфтааст ва истилоҳоти аҳли ҳар фан ва ҳирфа (касбу кор) дар фан ва ришстаи худашон аз ин қисманд. Дар Дурар овардааст: Урфи хос он истилоҳи тоифа ва гурӯҳи махсус бар чизе аст, ба мисли истилоҳи рафъ назди наҳвиён ва истилоҳи нақд назди аҳли адаб.

[4] Бинобар ин, на ҳар урфу одате, ки байни мардум маъруф ва роиҷ аст, метавонад сарчашмаи қонунгузорӣ ва аҳкоми шаръӣ бошад, балки баъзе аз онҳо фосид, қабеҳ ва бад ҳастанд, ки ба воситаи таълим, қонунгузорӣ, танзим ва фаҳмондадиҳӣ ба онҳо бояд мубориза бурда шавад, чуноне бо ибтикор ва ташаббуси бевоситаи

Урф боз ба эътибори сабот (давомнокӣ) ва истиқрори он ё адами сабот ва истиқрораш ба урфи собит ва урфи тағйирпазир тақсим мешавад. Урфи собит он аст, ки бо дигаргуншавии замонҳо, маконҳо, ашхос ва аҳвол дигар намешавад ва дар ҳама ҳолатҳо бетағйир боқӣ мемонад, зеро он ба сиришт ва фитрати инсон бармегардад, ба мисли майли таом, нӯшидан ва ғаму шодӣ. Урфи шаръӣ аз ҷумлаи урфи собит ба шумор меравад. Урфи шаръӣ он аст, ки шариат ба он таклиф (анҷоми онро талаб) ва ба он амр кардааст ё дар он иҷозат додааст ва ё аз он наҳӣ кардааст. Урфи тағйирпазир он аст, ки бо дигаршавии замонаҳо, муҳитҳо ва аҳволи мардум он низ дигар мешавад ва он чанд навъ аст. Баъзе аз он ба сарзаминҳо ва муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум бармегардад ва дар ҷое неку ва ҳасан аст ва дар ҷои дигар қабеҳ ва зишт, ба мисли пӯшидани сар, пӯшидани либоси кушод ва дароз, ки он барои одамони бомуруат дар кишварҳои шарқӣ маъмулан хуб аст ва дар кишварҳои ғарбӣ ё аҳаммияте надорад ё қабеҳ ва нописанд аст.

Афъоли муқаррарӣ ва одоти шахсӣ ва маъмулӣ, вақте дар миёни мардум ба сурати одоти зиндагӣ дароянд ва ба он таомул кунанд, дар тавҷеҳи аҳкоми муомалот, аймон ва масоили дигаре, ки ба ин афъол муртабит ҳастанд, таъсир доранд, ба мисли одати мардуме ба навъи хоссе аз сару либос, хӯрдани навъи хоссе аз гӯшт, савор шудани навъе аз маркаб ва ғ. Ин одоти тағйирпазир, гарчи дар сурати вуҷуд надоштани нассе аз сӯи шореъ ё тасреҳе аз сӯи аҳли қарордод дар мавридҳои зикршуда марҷаи ҳуқуқи шаръӣ ба шумор мераванд, вале аз сӯи шаръ барои собит ва бетағйир нигаҳ доштани онҳо тавсия ва амре ворид нашудааст, балки тағйири пайвастаи онҳоро ба унвони суннатҳои дар ҳоли такомул ва таҳаввул ва қонунмандиҳои ҳаёти иҷтимоии мардум пазируфтааст. Бинобар ин, порае аз ин одот ва суннатҳои иҷтимоӣ гоҳе ба сурати урфи гузаро пас аз давраи муаййяне аз байн мераванд ва муддати бақои баъзе аз онҳо тӯлонитар аст.[1]

Сарвари давлат, Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои миллӣ пешниҳод ва ба роҳ монда шуд ва тайи чанд соле ин барномаи ислоҳӣ натоиҷи мусбати худро барои миллат бор оварда. Дар сарҳатти тамоми ин натоиҷ ба даст омадани маърифати иҷтимоӣ-динӣ ва шинохтҳои дақиқи илмӣ барои қишрҳои мухталифи миллат аст, ки бо он дуруст аз нодуруст ва саҳеҳ аз фосиди ин анъанаҳо ва урфу одотро дарёфтанд. Ростӣ, Сарвари давлат дар ин ҷода кореро анҷом дод ва ба муваффақиятҳое ноил гардид, ки халифаи сеюм Усмон (рз) ҳазору чаҳорсаду чанд соле пеш дар бораи он фармуда буд: Худованд ба воситаи султон (ҳоким ва роҳбар) корро ба андозае интишор ва густариш медиҳад, ки (ҳатто) ба воситаи Қуръон (ба танҳои ва бе пуштивонии давлат) интишор намедиҳад.

Урфу одот вақте дар ҷомеа росих гаштанд, аз заруриёти ҳаёт ба шумор мераванд ва бар ақлҳо ҳоким мегарданд. Чуноне равоншиносон мегӯянд: Ҳар амал бо тадовум ва такрори пайвастаи худ ба нафсҳо маълуф мегардад ва зеҳнҳо ба он одат мекунанд, ба хусус вақте онро ниёзи мардум тақозо намояд. Ин ҷост, ки мегӯянд: Одат (барои инсон) табиати дуюм аст. Барои ҳамин паёмбарони илоҳӣ ва муслеҳони иҷтимоӣ дар роҳи ислоҳи ҷавомеи башарӣ ранҷҳо кашиданд ва ба сахтиҳо рӯ ба рӯ шуданд (ал-Мадхалу-л-фиқҳийю-л-омм. – Ҷ. 2).

---

[1] Мас., дар ҷавомеи шарқӣ (кишварҳои исломӣ) мардон аз дер замоне ба пӯшидани либосҳои кушод ва дароз, ба мисли ҷомаву ҷелак ва пӯшидани сар бо ридо, дастор, токӣ ва ғ. одат кардаанд. Вақте ин одати мардум бо дигаршавии фарҳанги либоспӯшӣ иваз ва мардони ин марзу бум ба ҷои либоси дароз либосҳои кӯтоҳтари аврупоӣ (кастюм) пӯшанд ё сар бараҳна созанд, вақте сатри аврат ва дигар авсофи пешбинишуда аз сӯи шаръ дар фарҳанги либоспӯшӣ риоя шаванд, шаръан мавриди накӯҳиш ва маломате қарор намегиранд. Ё мардуме, ки ба хӯрдани гӯшти гӯсфанд ё савор шудани уштур одат доштанд, онро тарк ва ба хӯрдани навъи дигаре гӯшт ё савор шудани навъи дигаре аз маркаб одат кунанд ё мардуме одат доштанд, ки чойи сабз бинӯшанд, онро тарк ва ба ҷои он чойи сиёҳ бинӯшанд, шаръан кори нодурусте накардаанд.

Танҳо нуктае, ки бояд ба он таваҷҷуҳ шавад, ин аст, ки мардум аз назари равонӣ ва зеҳнияти фарҳангӣ ба баъзе одоти худ нисбат ба баъзе дигар, бо сабабҳои хоссе, ҳассосияти бештар доранд. Мас., пӯшидани сар ва пӯшидани либоси дароз, бино ба сабабҳои ҷуғрофӣ, саҳронишинӣ, номуси қабилаӣ ва ғ., фарҳанги либоспӯшии мардуми араб ва аз одоти онҳо буд. Паёмбари акрам (с) низ бар асоси таомул ва урфи роиҷ миёни қавмаш ҳамон либосҳои мутаорафро мепӯшид ва сарашро аксаран бо ридо мепӯшонд, чун бо ҳадафҳои ислом дар пӯшиши либос низ муносиб буд ва бо он таорузе надошт. Саҳобагон ва наслҳои нахустини ислом низ ғолибан бар ин расму одат мезистанд. Гарчи нусуси шаръ бар ҳатмияти риояи он тасреҳ накарда ва ислом онро ба шароити иқлимӣ ва одоти фарҳангии миллатҳои мусулмон вогузоштааст, вале чун ин равиш ва фарҳанги либоспӯшӣ миёни онҳо асрҳо мутадовил буда ва аз сӯи дигар, пайравӣ аз расули Худо (с) дар суннати либоспӯшӣ хуб ва писандида аст, зеҳнияти оммаи мардуми мусулмонро

Дар мавридҳое, ки ҳеҷ гуна аҳкоми шаръие ба урфи роиҷ тааллуқ намегирад, вақте он урфи нек ва писандида бошад ва бо нусус ва мақсадҳои шариат дар таоруз набошад, риояи он ҷоиз ва хуб аст, агар касе бар хилофи он рафтор кунад, шаръан аз вай гуноҳе содир нагаштааст, вале хилофи урф кардааст.

Урф аз ҳайси эътибори он дар аҳком ба се қисм аст: 1. Он аст, ки барои эътибор – муътабар донистани он далели шаръӣ вуҷуд дорад, ба мисли риояи кафоат ва ҳамшаънӣ дар никоҳ ва бор шудани дия бар оқила (қабила)-и шахс. Ин қисми урф ба эътибор гирифта ва ба он амал карда мешавад, 2. он чизест, ки далели шаръӣ бар нафй (манъ ва наҳй)-и он собит шудааст, ба мисли одати аҳли ҷоҳилият бар табарруҷ (худороии занон дар кӯчаҳо барои ҷалби назари мардон ва барангехтани онҳо), бараҳна тавоф кардан ба гирди хонаи Каъба, ҷамъ сохтан миёни ду хоҳар дар як никоҳ ва дигар одоте, ки шаръ аз онҳо наҳй кардааст. Ин урфҳо фосид ва шаръан эътибор надоранд, 3. он чизе, ки на дар бораи эътибор ва на дар нафйи он далели шаръие собит нашудааст, яъне маскутун анҳ аст ва ин қисми урф назаргоҳ ва мавзеи иҷтиҳод ва истидлолоти фуқаҳо аст.

Тамоми фуқаҳо ин навъи урфро муътабар дониста ва бисёре аз аҳкомро бар он бино ниҳодаанд. Барои эътибори урф дар Китоб, Суннат ва иҷмоъ далел собит шудааст. Дар Қуръон омадааст: **«(Шахси) доранда ва соҳибфарохӣ (саъа) аз дороӣ (ва фарохи)-аш инфоқ намояд ва касе, ки ризқаш бар ӯ танг гардонида шуда, пас аз он чи Худо (ба ӯ) додааст, инфоқ намояд. Худо (ҳеҷ) нафсеро таклиф (талаб) намекунад, магар ба он чи ӯро додааст ...»** (Талоқ, 7). Барои инфоқ андоза (тақдир)-и муайяне дар шаръ собит нашудааст ва Аллоҳ таъоло онро бар одати мардум ҳавола кардааст. Ин далели усулие аст, ки Худои таъоло аҳкомро бар он бино ниҳода ва ҳалолу ҳаромро ба он вобастааст. Саҳеҳ он аст, ки ҳуқуқи мутлақ (ҳуқуқе, ки миқдор ва андозаи онҳо муайян нагардида) дар шаръ ба урф ва таомули роиҷ миёни мардум ҳавола гардидааст. Дар Суннат омадааст, ки Ҳинд ҳамсари Абусуфён гуфт: «Эё расули Худо (с), Абусуфён марде молдӯст ва мумсик аст, оё бар ман гуноҳе ҳаст, агар аз моли вай пинҳонӣ баргирам!? (Паёмабар (с) фармуд: ***Аз моли вай бо маъруф он*** (миқдор)-е ***баргир, ки ту ва фарзандонатро кифоя кунад*** ва дар ривояте***: онро*** (ҷоиз) ***намебинам, магар бо маъруф»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2211, 3825; Саҳеҳи Муслим, 4452 (1714)-7). Ибни Ҳаҷар мегӯяд: Дар ин ҳадис эътимод бар урф аст дар корҳое, ки аз сӯи шаръ дар онҳо андозае муайян нагардидааст.[1]

Фуқаҳои ҳанафӣ барои муътабар донистани урф (-и амалӣ) вуҷуди панҷ шартро зарур донистаанд: 1. Ин ки урф дар вақти эҷоди тасарруф барқарор ва маъмул (роиҷ ва мутадовил) бошад, омм бошад ё хос. Бинобар ин, урфе, ки пас аз эҷоди тасарруф пайдо шуда, дар он

барои таомул ба он омода ва заминаи тадовуми тӯлонии онро фароҳам овардааст. Яъне он дар зеҳнҳо бо масҳа (ранг ва осор)-и динӣ ҷойгир шуда ва таҳаввул дар он хеле оҳиста сурат мегирад.

Нуктаи дигаре, ки бояд ба он ишора шавад, ин аст, ки дигаршавии урфу одот на ҳама вақт мусбат ва дар гузари такомул сурат мегирад ва урфи ҷойгузиншуда ба ҷои урфи қаблӣ аз он хубтар ва мутакомилтар аст. Басо авқот урфи таркшуда аз урфи нав беҳтар аст, ба мисли фарҳанги либоспӯшӣ ва тағйири он ба либосҳои аврупоӣ. Зеро он дар имтидоди асрҳо бо фарҳанги исломӣ созгор гардонида шуда ё аз самими он бархоста ва бо мушаххасоти пешбининамудаи шаръ муносибтар аст. Бо ин вуҷуд, то замоне ки урфу одоти пайдошуда ба нусуси шаръӣ, қатъиёти динӣ ва нишондодҳои фарҳангии исломӣ дар таоруз қарор нагиранд, дар бобҳои хоссе аз фиқҳ, ба он тартибе ки зикр гардид, ба онҳо ба ҳайси марҷаи ҳуқуқӣ муроҷиат мешавад.

[1] Порае аз нусуси шаръӣ далолат мекунанд, ки баъзе одот ва урфи мутадовил дар миёни мардум дар муомалот, аймон ва умури ҳуқуқӣ, вақте бо рӯҳи шариат дар таоруз набошанд, аз назари шаръ пазируфтаанд. Бухорӣ дар Саҳеҳ овардааст: Боб дар бораи касе, ки амри шаҳрҳоро бар он чизе, ки дар байъу иҷора ва кайлу вазн таомул кардаанд, ҷорӣ дорад ва онҳоро дар суннатҳо – расму одоташон бар ниятҳо (зоҳири лафзҳо)-яшон эътибор кунад. Сипас Бухорӣ чанд асар ва ҳадисеро дар ин замина зикр мекунад. Аз ҷумла овардааст, ки Шурайҳи Қозӣ ба ғаззолин (ресандагон) гуфт: Суннат (расм ва урф)-и шумо дар байнатон (ҳоким ва муътабар) аст. Ибни Ҳаҷар дар шарҳи он овардааст: Мақсуди ин тарҷима (сарлавҳа) исботи эътимод бар урф аст (Саҳеҳи Бухорӣ, 2211; Фатҳулборӣ. – Ҷ. 5).

Фуқаҳо барои исботи ҳуҷҷат будани урф бар асари ривоятшуда аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ба тариқи мавқуф истинод кардаанд: «... Пас он чиро мусулмонон хуб ва нек донанд, он назди Худо низ хуб ва нек аст ва он чиро мусулмонон бад донанд, он назди Худо низ бад аст» (Муснади имом Аҳмад, 3600; ал-Ашбоҳ ва-н-назоир. – С. 101).

(тасарруф) эътибор надорад; 2. урф муттарид (фарогири ҷузъиёти худ ва дар онҳо бо иттиród собит шуда) ё (бар бештари онҳо) ғолиб бошад, бинобар ин, урфи муштарак – урфе, ки амал ба он ва таркаш баробар аст, аз эътибор соқит аст ва салоҳияти далел ва мустанад буданро дар боби муомалот, муайян намудани миқдори ҳуқуқ ва масоили мутлақа надорад. Назди ҷумҳури фуқаҳои ҳанафӣ ва шофеъӣ дар бинои аҳком урфи омм (-и амалӣ) эътибор дорад, на урфи хос; 3. урф вақте шаръан эътибор дорад, ки бо нусуси шаръӣ мухолиф набошад, яъне он чизе, ки мардум бо он таомул ва одат кардаанд, ба аҳкоми собитшудаи шаръӣ бо нас ё ба қавоид ва усули қатъии шаръ мухолиф набошад, вагарна, урф эътиборе надорад,[1] ба монанди одати мардум ба шаробхорӣ, рибохорӣ, ришвахорӣ, табарруҷи занон ва корҳои дигаре, ки таҳрими онҳо бо нас собит шудааст.

Мухолифати урф (-и амалӣ) бо насс ду сурат дорад: а) агар он бо нас аз тамоми вақҳҳо мухолиф бошад, ба ин тартиб, ки нас ба мавзӯе хос[2] бошад ва бо амал ба урф тарки амал ба нас лозим ояд, пас бо нас амал мешавад ва урф эътиборе надорад,[3] ба мисли таоруфи мардум бисёре аз муҳаррамотро, ки бо нусуси хос дар шаръ мамнӯъ ва ҳаром гардонида шудаанд, б) агар урф бо нас аз баъзе вақҳҳо мухолифат дошта бошад, аз назари ҷумҳури фуқаҳо дар ин ҳолат низ бо нас амал мешавад ва он (урф) тахсисдиҳанда ё муқайядсозандаи нас ба шумор намеравад. Аз назари фуқаҳои ҳанафӣ дар ин сурат, агар далел ва насси шаръӣ омм ворид шуда ва уфр бо нас дар баъзе афродаш мухолиф бошад ё далели шаръӣ бо қиёс собит шуда ва урф бо он мухолиф бошад, агар урфи омм бошад, он мухассиси умуми нас ва муқаййиди мутлақи он эътибор мешавад[4] ва амал бо

---

[1] Нусуси шаръ ду қисманд: хос ва ом. Насси хос он аст, ки дар бораи кор ё масъалаи махсусе ворид шудааст ва насси ом он аст, ки дар он ҳукми ом ва шомили афрод ва ҷузъиёти зимни он собит шудааст. Вақте дар бораи ҳукме, ки исботи он ирода шудааст, нассе хос дар шаръ ворид шуда бошад ва урфи амалие бо он мухолиф бошад, ба муқтазои нас амал карда мешавад ва тарки он бо амал ба урф ҷоиз нест, хоҳ урфи ом бошад ё хос. Зеро бандагон ҳаққи тағйири нусуси шаръро надоранд. Урф вақте дар муқобили насси хос қарор гирад, бо он аз тамоми вақҳҳо мухолиф аст.

[2] Хосс ар.: خَاصّ, муайян, мушаххас; махсус, вижа; баргузида; мутааллиқ ба як фард, чиз ё гурӯҳ; дар истилоҳи фуқаҳо ва усулиён, лафзе аст, ки бо он фарде ё яке аз афрод ба таври муайян ё мубҳам ирода шудааст, муқобили омм. Мас., аз лафзи «расул» дар ояти: **«Муҳаммад расули Худост»** (Фатҳ, 48: 29) танҳо як нафар – Муҳаммад (с) ирода шудааст ва аз лафзи «рақабаи муъмина» дар ояти: **«Пас озод сохтани рақабаи муъминаест»** (Нисо, 4: 92), фарди воҳиде ба таври номуайян ирода шудааст.

[3] Мурод аз ин мухолифати урф бо нас мухолифати урфи амалӣ бо аҳкоме аст, ки бо нас собит шудаанд. Аммо агар урф (-и лафзӣ) бо шаръ дар корбурди лафзе таоруз дошта бошад, корбурди урфии он бар корбурди шаръиаш муқаддам дошта мешавад, бахусус дар боби аймон – савгандҳо. Мас., агар шахсе савганд хӯрад, ки бар фирош (бистар, ҷогаҳ) ё бисот (гилем, қолин) нанишинад ё аз рӯшноии чароғ (сироҷ) истифода намекунад, агар бар замин бинишинад ё аз нури офтоб баҳра гирад, ҳонис намегардад, гарчи Худованд дар Қуръон заминро фирош ва офтобро сироҷ номидааст. Зеро муроди шахси савгандхӯрда маонии урфии онҳост, дар ҳоле ки дар Қуръон дар маънои луғавӣ ва бо навъе истиора корбурд шудаанд. Ҳамин тавр агар савганд хӯрад, ки гӯшт намехӯрад, бо хӯрдани гӯшти моҳӣ ҳонис намегардад, гарчи Худованд онро дар Қуръон гӯшт номидааст, зеро дар урф ба он гӯшт гуфта намешавад. Магар дар масоили муайяне, ки дар онҳо шаръ бар урф муқаддам дошта мешавад.

Агар урф бо ҳақоиқи луғавӣ таоруз дошта бошад, бо тасреҳи Зайлаъӣ ва дигар фуқаҳо, савгандҳо бар урф бино ниҳода мешаванд, на бар ҳақоиқи луғавӣ. Мас., агар савганд хӯрад, ки нон намехӯрад, бо хӯрдани ноне, ки аҳли сарзаминаш одат кардаанд, ҳонис мешавад. Мардуми Қоҳира дар ин савганд бо хӯрдани нони гандум, мардуми Табаристон бо хӯрдани нони биринҷ ва мардуми Забид бо хӯрдани нони ҷуворӣ ва арзан ҳонис мегарданд (ал-Ашбоҳ ва-н-назоир. – С. 106–107).

[4] Мурод аз мухолифати урф бо нас дар ин ҷо урфҳои фосид ва нодурусте, ки дар муқобили аҳкоми шаръӣ ва фармудаҳои динӣ зуҳур кардаанд, намебошад, балки навъе таомули мардум дар муомалот аст, ки ба умуми насси воридшуда дар он боб дар яке аз ҷузъиёташ мухолиф аст ва амал ба он низ ҷоиз ва шаръан ҳеҷ гуна мамнӯият ва табоҳиеро бор намеоварад.

Вақте нас омм бошад, бо амал кардан ба урф дар мавзӯи худаш нас бекор намегардад, балки он дар машмулоти дигаре, ки умуми нас шомили он аст, амал мекунад, бар хилофи насси хос. Бар пояи иҷтиҳоди ҳанафӣ шарт дониста шудааст, ки далели тахсисдиҳанда ҳамзамон бо насси омми тахсисёфта собит шуда бошад, ба ин тариқ ки он нассе бошад, ки ҳамроҳи насси аввал собит шуда бошад, ба мисли ояти байъ ва рибо ё қаринае бошад, ки ҳамзамон бо вуруди нас барпо бошад, то далолат кунад, ки шореъ иҷрои насси омро бар умумаш ирода накардааст. Аммо агар далели тахсисдиҳанда пас аз замони нас ва дертар аз он ворид шавад, он дигар тахсис ба шумор намеравад, балки насхи ҷонибе аз ҳукми насси ом

қиёс дар баробари он тарк мегардад,[1] ба мисли масъалаи истисноъ,[2] даромадани ҳаммом ва об нӯшидан аз саққо.[3] Аммо агар урфи хос бошад, пас мазҳаб он аст, ки он эътибор надорад, вале бисёре аз машоих ба эътибори он фатво додаанд.[4] Ибни Обидин дар рисолаи «ал-Урфу фи-ш-шаръи лаҳу эътибор»-и худ овардааст: Агар урф ба зоҳири ривоят дар мазҳаб низ мухолиф бошад, ба он амал карда намешавад, зеро зоҳири ривоят гоҳе бар нассе аз Китоб, Суннат ё иҷмоъ бино ёфтааст ва урфе, ки мухолифи нас бошад, эътибор надорад. Зеро урф гоҳе бар ботил ҳам мабошад, бар хилофи нас, ки ҳамеша ҳақ аст.[5]

пас аз муддате амал ба он аст. Ин тахсисдиҳандаи насси ом, агар урфе бошад, ки пас аз замони вуруди нас собит шуда бошад, он эътиборе надорад. Зеро шарти эътибори урф ба ҳайси тахсисдиҳандаи нас он аст, ки ҳангоми вуруди нас мутадовил ва роиҷ боашд. Бо урфи баъдан пайдошуда дар ин маврид чизе собит намешавад.

Мисоли тахсиси нас бо насси дигаре, ки ҳамзамон бо он ворид шуда ва онро ба баъзе машмулоташ хос ва ҳукми умумашро ба онҳо маҳдуд кардааст, ояти: **«Ва Ҳудо байъро ҳалол ва риборо ҳаром гардонидааст»** (Бақара, 2:275) аст. Дар бахши аввали оят бо истифода аз лафзи омми «байъ» ҳукми ом собит шудааст, ки тамоми навъҳои байъ, ҳатто байъҳои рибавиро дар бар мегирад, вале қисмати дуюми оят умуми қисмати аввалро тахсис дода, аз байъи ҳалол риборо берун намудааст. Пас маънои ин тахсис он аст, ки шореъ – Ҳудованд шумули ҳукми ҳалолияти байъро бо насси омми аввал ирода накардааст.

Аз дигар қавоид бархоста аз нусуси шаръӣ собит мешавад, ки ғаш (фиребкорӣ) дар муомалот низ ҳаром аст ва нусусе, ки бар ҳаром будани ғаш дар муомалот далолат мекунанд, ҳангоми вуруди насси ом дар бораи ҳалолияти байъ барқарор ва мавҷуд будаанд, бинобар ин, насси ом бо онҳо тахсис меёбад ва байъе, ки дар он ғашше сурат гирифта бошад, аз умуми насси омми байъи ҳалол истисно мешавад.

Фуқаҳо барои насси омме, ки урфи амалӣ бо баъзе ҷузъиёти он мухолиф ва он қисмат аз машмулоти онро аз умумаш берун ва онро ба бақияш хос гардонидааст, байъи истисноъро мисол меоваранд.

[1] Яъне урфи омм вақте аз баъзе ваҷҳҳо бо қиёс мухолиф бошад, амал ба қиёс тарк мегарадад ва агар бо нас аз баъзе ваҷҳҳо мухолиф бошад, онро хос мегардонад.

[2] Паёмбар (с) наҳӣ кардааст, аз ин ки шахс чизеро, ки дар наздаш мавҷуд нест, бифурӯшад (Сунани Абудовуд, 3505; Сунани Тирмизӣ, 1232), вале чун таомули мардум аз рӯзгори қадим бар ҷавози истисноъ буда, он насро дар ин маврид хос гардонидааст ва наҳйи мавҷуд дар нас дар ғайри ин маврид амал мекунад.

[3] Истисноъ қарордоди шартномавӣ (контракт) барои харид бо аҳли саноат (касбу кор) аст, ки чизе бисозанд. Коргар дар ин шартнома созанда ва истеҳсолкунанда, харидор мустаснеъ ва чизи дархостшуда маснуъ (сохташуда) аст. Тибқи ин шартнома касе, ширкате ва ё ҷиҳати ҳуқуқие аз корхонаҳои истеҳсолӣ ва коргоҳҳои саноатӣ талаби сохтани чизе мекунад ва барои он қарордод мебандад. Ин қарордод аз назари зоҳири ривоят дуруст нест, зеро дар он муомила ба чизи ғайри мавҷуд сурат гирифтааст, вале мутааххирин онро ҷоиз донистаанд. Зеро онро зарурати истеҳсолӣ ва урфи замон талаб мекунад ва коргоҳҳо бе чунин шартнома онро намесозанд. Ин шартнома вақте истисноъ аст, ки маводди хом ва аввалия ва кор аз созанда бошад. Агар маводди хом ва аввалияи он аз мустаснеъ бошад, он ақди иҷора аст, на истисноъ. Мас., шахсе бо хайёт (дӯзанда) қарордод бандад, ки барояш, мас., либос (костюм)-е дӯзад, агар порча (материал) ва маводди зарурии дигар аз дӯзанда бошад, он шартномаи истисноъ аст. Аммо агар порча аз мустаснеъ бошад ва барои дӯхтани либосе бо вай қарордод бандад, пас он ақди иҷора аст (Дурар. – Ҷ. 1, моддаи 124). Аҳаммияти истисноъ дар бастани шартномаҳо барои хариди дастгоҳҳои саноатӣ, мошин, ҳавопаймо ва ғ. хубтар маълум мешавад.

Даромадан ба ҳаммом бе таъйини муддати истодан дар он ва миқдори истифодаи об барои рафъи ҳарач аз мардум ва бо амал ба урф ҷоиз дониста шудааст, дар ҳоле ки бар асоси зоҳири ривоят ҳар муомилае, ки дар он васфҳои амал дақиқан муайян нагашта бошанд, ҷоиз нест. Ҳамчунин об нӯшидан аз саққо бе таъйин ва баёни миқдори он ҷоиз аст.

[4] ал-Ашбоҳ ва-н-назоир. – С. 113; Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Ҷ. 2. – С. 116.

Абузуҳра мефармояд: Бо урфи хос танҳо қиёсе, ки дар иллат ва татбиқи он бар фаръаш заннӣ бошад, нисбат ба аҳли сарзамин ё тоифае, ки ба он таомул кардаанд, тарк карда мешавад, на барои дигарон (Абуҳанифа: ҳаётуҳу ва асруҳу – ороуҳу ва фиқҳуҳу. – С. 310). Яъне урфи хос танҳо барои аҳли он сарзамин ё тоифае, ки ба он таомул карданд, ҳуҷҷат аст, на барои дигарон.

[5] Аҳком ва масоили зоҳири ривоят дар мазҳаб ду қисманд: 1. Қисме аз онҳо бо нассе аз Китоб, Суннат ё иҷмоъ собит шудаанд ва агар урфе бо онҳо аз тамоми ваҷҳҳо мухолиф бошад, бо масоили зоҳири ривоят амал мешавад ва урф дар ин ҳолат беэътибор аст, 2. қисми дигаре бо навъе иҷтиҳод ва раъй собит шудаанд, ки бисёре аз онҳоро муҷтаҳид бар асоси урфи замони худ бино кардааст. Ва бисёре аз масоил ва аҳкоми ин бахш бо дигаршавии урфи аҳли замон ё пеш омадани зарурат ё фасоди аҳли замон тағйир меёбанд ва эътибори дигар пайдо мекунанд. Бинобар ин, фуқаҳо барои рафъи ҳарач ва бартараф сохтани машаққат аз мардум ва бо такя бар урфи нав дар онҳо ба аҳкоми дигаре фатво медиҳанд. Ба мисли дарёфти музд дар баробари таълими Қуръон, барои имоматӣ ва гуфтани азон, ки фуқаҳои мутааххир ба ҷавоз (дурусти)-и он фатво додаанд, дар ҳоле ки ин бар хилофи назари муттафақун алайҳ назди Абуҳанифа (рҳ), Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) аст, ки гирифтани музд дар ин корҳо ба мисли бақияи тоатҳо ҷоиз нест.

Нусуси ташреӣ бояд ба ҳасаби мадлулоти луғавӣ ва урфии худ дар замони судур ва вуруди нас фаҳмида шаванд, зеро муроди шореъ аз нас ҳамон маънои луғавӣ-урфии замони вуруди он аст ва дигаршавии мафҳуми лафзҳо дар урфҳои баъд аз нас пайдошуда эътиборе надорад.[1] Бинобар ин, урфе, ки бо насси ом таоруз дорад, агар пас аз вуруди нас пайдо шуда бошад, бо иттифоқи фуқаҳо салоҳияти тахсиси насси шаръиро надорад. Зеро ин урф пас аз муайян гаштани мафҳуми насси шаръӣ пайдо шуда ва амал ба он мӯҷиби насхи насси шаръӣ мегардад, ки он ҷоиз нест. Дар ин бора урфи лафзӣ ва амалӣ фарқе надоранд ва насси собитшуда пеш аз худро тахсис намедиҳанд.[2]

4. Тасреҳ (ифодаи сареҳ)-е бар хилоф – дар баробари он собит нашуда бошад. Мас., агар ду нафар дар ақди қарордоди худ ба чизе бар хилофи урф тасреҳ намоянд, ҳамон қавли онҳо эътибор дорад, на урф. Зеро тибқи қавоиди фиқҳӣ, далолат дар баробари тасреҳ эътибор надорад. Ҳар чизе дар урф собит аст, вақте ду нафар аҳли қарордод бо чизе бар хилофи он тасреҳ намоянд, ки ба мақсуди ақд мувофиқ аст ва вафо кардан ба он имкон дорад, саҳеҳ аст. 5. Урф дар вақти эҷоди тасарруф барқарор ва мавҷуд бошад. Бинобар ин, урфе, ки пас аз эҷоди ин муомила ва тасарруф пайдо мешавад, дар он эътибор надорад.[3]

Барои ифодаи дақиқи мавридҳои корбурди урф, таъйини ҳудуди татбиқии маонии он ва баёни аҳаммияти асл ё назарияи урф дар қонунгузории исломӣ фуқаҳо қавоиди фиқҳиеро асос гузоштаанд, ки мафҳуми онро нафйан ва исботан ба таври мушаххас бозгӯ мекунанд, аз ҷумла: «Муайян гардидан (гардида) бо урф ба мисли муайян гардидан (гардида) бо нас аст – ат-таъйину би-л-урфи ка-т-таъйини би-н-насси»,[4] «ҳақиқат (-и луғавӣ) бо далолати урф (одат) тарк мегардад – ал-ҳақиқату тутраку би далолати-л-одати»,[5] «дигаршавии аҳком бо дигаршавии замонаҳо (ва урфҳо) инкорнопазир аст – ло юнкару тағайюру-л-аҳкоми би та-

---

Зеро дар ин замон муаллими Қуръон, имом ва муаззин аз дарёфти ато ва ёрдаме, ки дар садри ислом ба онҳо мешуд, маҳрум гаштаанд. Пас агар онҳо бо музд ба ин корҳо ҷалб нашаванд, умури дин муаттал мегарданд ва агар бе музд ба ин корҳо машғул шаванд, зиндагӣ ва оилаашон ба бод меравад. (Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Ҷ. 2. – С. 125).

[1] Мас., лафзи «дар роҳи Худо – фӣ сабилиллоҳ» дар ояти масрафҳои закот дар замони вуруди нас маънои урфии хоссе – муборизаҳои шаръӣ ва муҳиммоти марбут ба он ё тамоми роҳҳои хайр (бинобар ихтилофи назари уламо дар ин бора) дошт ва маънои урфии лафзи «ибни сабил – дарроҳмонда» касе буд, ки дар сафар аз молу дороии худ ҷудо монад. Агар урфи мардум дар корбурди ин таъбирҳо дигар шавад ва мас., маънои «дар роҳи Худо» махсусан талаби илм дониста шавад ё маънои «ибни сабил» кӯдаки партобӣ дар роҳ ва бесоҳиб шавад, насси ташреӣ ҳамон маънои урфии аввали худро ба ҳангоми вурудаш медиҳад ва дар ҳудуди он маъно ба он амал мешавад, зеро муроди шореъ ҳамон аст ва маонии урфӣ ё истилоҳоти баъд пайдошуда эътибор надоранд.

[2] Агар пас аз вуруди нусуси Қуръон ва Суннат урфи мардум дар корбурди маонии баъзе лафзҳои воридшуда дар онҳо тағйир ёбад, ин дигаршавӣ эътиборе надорад ва ҳамон маонӣ ва ҳудуди мафҳумҳое, ки ҳангоми вуруди нусус аз онҳо фаҳмида мешуданд, муътабаранд. Зеро урфи лафзии мавҷуд дар вақти вуруди насси шаръӣ муроди шореъро муайян мекунад. Мас., мафҳуми лафзи «ямин – савганд»-и воридшуда дар Китоб ва Суннат савганд ба Худои таъоло аст, зеро маънои мутараф ва шинохташуда дар забони шаръ ҳамин аст. Бинобар ин, маънои «лағв – муоф»-е, ки дар ояти: **«Худованд шуморо бо лағви дар савгандҳоятон бозхост намекунад, валекин шуморо бо он чи савгандҳоро бо он бастаед, бозхост мекунад»** (Моида, 5: 89), ба ҳамин маънои мутараф аз «ямин» ҳамл мешавад, на ба савгандҳое, ки баъдҳо бо талоқ ва итоқ пайдо шудаанд. Зеро ин савгандҳо дар замони нузули Қуръон миёни мардуми араб мутараф ва маъмул набуданд. Пас чизе дар онҳо лағв – муоф нест ва дар онҳо ҳазлу ҷид (ҳақиқат) ҳар ду эътибор доранд (ал-Мадхалу-л-фиқҳийю-л-ом. – Ҷ. 2).

[3] ал-Ҳидояту шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ. – Ҷ. 1; Дурару-л-ҳукком шарҳу Маҷаллати-л-аҳком. – Ҷ. 1; Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Ҷ. 2.; Фатҳулборӣ. – Ҷ. 5, 12; Танқеҳу-л-усул маъа шарҳиҳи-л-мусаммо би-т-Тавзеҳ маъа-т-Талвеҳ. – Ҷ. 1. – С. – 139; ат-Тақриру ва-т-таҳбир. – Ҷ. 1; Ибну-л-Арабӣ. Аҳкому-л-Қуръон; ат-Таърифот; ал-Мавсӯату-л-фиқҳийя. – Ҷ. 30; Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 2; Маҳмуд Абдурраҳмон Абдулмунъим. Муъҷаму-л-мусталаҳоти ва-л-алфози-л-фиқҳийяти. – Ҷ. 2. – Қоҳира, 1999; Зайнуддин ибни Иброҳим ал-Маъруф би Ибни Нуҷайм ал-Ҳанафӣ. ал-Ашбоҳу ва-н-назоир. – Димишқ, 1982; Муҳаммад Абузуҳра. Абуҳанифа: ҳаётуҳу ва асруҳу – ороуҳу ва фиқҳуҳу. – Қоҳира, 1997.

[4] Яъне урф дар ҳар масъалае марҷаи ҳуқуқӣ қарор гирад, он андоза ва ҳукме, ки бо он муайян мегардад, ба мисли он аст, ки бо насси шаръӣ муайян гардидааст.

[5] Яъне каломи ҳар гӯянда ба урфи вай ҳамл мешавад, мас., сухани савгандхӯранда, назркунанда, вақфкунанда, васияткунанда ва ҳар касе, ки қарордоде мебандад, ба урфи худи онҳо ҳамл мешавад, гарчи он бо луғати араб ва корбурди шаръ дар он мавриди мухолиф бошад. Ин қоида ба урфи лафзӣ тааллуқ дорад.

ғайюри-л-азмон», «далолат дар муқобили тасреҳ эътиборе надорад – ло ибрата ли-д-далолати фӣ муқобалати-т-тасреҳ», «урфи (баъд) пайдошуда эътиборе надорад – ло ибрата би-л-урфи-т-ториъ», «урф дар ҳоли набудани нас шаръан ба манзалаи иҷмоъ аст – анна-л-урфа би манзилати-л-иҷмоъи шаръан инда адами-н-насси», «мумтанеъ (ношуданӣ ва номумкин) одатан ба мисли мутанеъ дар ҳақиқат аст – ал-мумтанеъу одатан ка-л-мутанеъи ҳақиқатан»,[1] «одат вақте муттарид (шомил ва фарогир) ё ғолиб бошад, эътибор дорад – иннамо туътабару-л-одату изаттарадат ав ғалабат», «тобеъ тобеъ аст – ат-тобеъу тобеъун», «касе чизеро молик гардад, заруроти онро низ молик мегардад – ман малака шайъан, малака мо ҳува мин заруротиҳи»,[2] «вақте асл соқит гардад, фаръ низ соқит мегардад – изо сақата-л-аслу, сақата-л-фаръу»,[3] «шарти урфӣ ба мисли шарти лафзӣ аст», «маъруф (он чи бо урф собит шудааст) ба мисли машрут (шарт гардонидашуда)-аст», «маъруф дар байни тоҷирон ба мисли машрут дар байнашон аст». Сарахсӣ мегӯяд: «Маълум бо урф ба мисли машрут аст ё собитшуда бо урф ба мисли собит бо нас аст», «собит бо урф собит ба далели шаръӣ аст» ва соҳиби Ҳидоя мефармояд: «Собит бо одат ба мисли яқиншуда аст» ва ғайри инҳо.

Урфу одот имрӯз низ назди ҳуқуқшиносон яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои қонунгузорӣ дар қавонини вазъӣ[4] ба шумор мераванд, қонунгузор бисёре аз кодексҳои маъмул ва роиҷро аз онҳо баргирифта ва ба сурати нусус (текстҳо)-и қонун берун меоварад, ки норавшанӣ ва ибҳоми мавҷуд дар баъзе бандҳои қонун ё ҳолатҳои қонунгузорӣ бо такя ба он бартараф сохта мешавад.[5]

Дини ислом низ қисме аз тасарруфот, таомули иҷтимоӣ ва ҳуқуқи мутаораф дар миёни арабҳо ва мусулмононро эътироф ва боқӣ гузошт, қисмеро пок ва ислоҳ намуд ва қисмати дигареро бекор ва рад кард. Ҳамчунин аҳкоми ҷадиде бо худ овард, ки бар пояи онҳо муомалот, ҳуқуқ ва тааҳҳудоти миёни мардумро дар ҳаёти иҷтимоияшон бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳо ва заруроти зиндагӣ ба танзим даровард.

Мурод аз дарҷи мавзӯи истеҳсон ва урф дар муқаддимаи китоби «Фиқҳи исломӣ», пеш аз ҳама, ҷалби назари ҳуқуқшиносони кишвар ва доираҳои қонунгузор аст, ки бо мутолиаи равиш ва асолиби қонунгузорӣ дар ислом уфуқҳои маърифати ҳуқуқии худро васеъ гардонанд, аз дақоиқи эътиборот ва назокатҳои фикри муҷтаҳидон ва ҳуқуқшиносони исломӣ огаҳ шаванд ва дар таҳкими пояҳои қонунгузории кишвар аз онҳо то ҳадди имкон баҳра гиранд.

Абдушариф Боқизода

---

[1] Чизе, ки одатан мумтанеъ бошад, ба мисли ин аст, ки дар ҳақиқат мумтанеъ аст. Бинобар ин, даъвое нисбат ба он шунида ва баййинае барояш барпо карда намешавад, яъне додгоҳ метавонад ба он эътиное надиҳад ва онро аз ҳамон ибтидо рад кунад. Зеро дурӯғ будани он аниқ аст. Мас., касе нисбат ба шахсе даъво кунад, ки ӯ писараш аст, дар ҳоле ки вай зоҳиран ҳамсинну соли ӯст ё шахсе, ки бо фақру нодорӣ маъруф аст, нисбат ба касе молҳои калонеро даъво кунад, ки ба даст овардани онҳо бо ирс ё бо сабаби дигаре барояш маълум набошад.


[2] Мас., агар касе ҳавлие бихарад, роҳи расонанда ба он низ, бе ҳеҷ гуна тасреҳе дар байъи он дохил мешавад, касе осёби биношудаеро бихарад, маҷрои болообаш дар он дохил мешавад, касе куфле бихарад, калиди он ҳатман дар он дохил мешавад ё касе барои ширхӯрӣ гови ҷӯшо бихарад, гусолааш дар он байъ дохил мешавад, гарчи дар қарордоди савдо аз он зикре нарафта бошад.

[3] Мас., вақте қарздеҳ қарзашро ба қарздор бибахшад ва зиммаашро аз он пок гардонад, зиммаи кафили вай низ пок мегардад, вале агар зиммаи кафилро аз он озод созад, қарздори аслӣ аз он озод намегардад.


[4] Қонунҳои вазъӣ ба қонунҳое итлоқ мегардад, ки бо ташаббуси доираҳои қонунгузор ба вуҷуд омадаанд; қавонини расмӣ.

[5] Ҳуқуқшиносон ва қонунгузорон сарчашмаи қавонинро дар қонунҳои вазъӣ панҷ чиз медонанд: Урф, дин (дар баъзе кишварҳо), назароти шореҳони қонун (назарот ва иҷтиҳодоти фуқаҳо дар фиқҳ), аҳком ва ҳукмномаҳои содиршуда аз додгоҳҳо ва қавоиди адлу инсоф. Қавонини вазъӣ бар ин сарчашмаҳо бино ёфтаанд, ки ҳам мардум илзоман ба онҳо пойбанд мешаванд, аҳкоми додгоҳ бар асоси он дар байнашон ҷорӣ дошта мешаванд ва ҳам додгоҳҳо дар мавридҳое, ки дар нусуси қонун чизе дар бораи онҳо наёмадааст, ба он муроҷиат мекунанд.

Аҳкоме, ки аз урф бармеоянд, ду хусусият доранд, аввал он ки мардум нисбат ба муомалоти худ қаблан огаҳӣ ва маълумот доранд, пас ихтилофи онҳо камтар мегардад, зеро ҷаҳолат ё надонистани аҳком дар байни мардум мушкилот эҷод мекунад. Дуюм он ки аҳкоми урфӣ барои онҳо маълуф ва мақбул ҳастанд, зеро қаблан ба онҳо одат кардаанд.




ИБОДОТ



БАХШИ АВВАЛ

КИТОБИ ВУЗӮ (ТАҲОРАТ)

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمْتُمْ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ
فَٱغْسِلُواْ وُجُوهَكُمْ وَأَيْدِيَكُمْ إِلَى ٱلْمَرَافِقِ
وَٱمْسَحُواْ بِرُءُوسِكُمْ وَأَرْجُلَكُمْ إِلَى ٱلْكَعْبَيْنِ

«Эй касоне, ки имон овардаед, вақте ба сӯи намоз бархостед, (аввал) рӯйҳо ва дастони худро то оринҷҳо бишӯед ва (пас аз он) ба сарҳоятон масҳ кашед ва пойҳоятонро (низ) то буҷулҳо бишӯед»
(Моида, 5:6).



Фасли аввал

ВУЗӮ (ТАҲОРАТ)

Ҳамон гуна ки дар муқаддима баён гардид, як навъи аҳком фарзҳо мебошанд ва намоз яке аз муҳимтарин ва асоситарин фаризаҳо ба шумор меравад. Намозгузор қабл аз анҷом додани намоз бояд вузӯ намояд.[1]

Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلْمُتَطَهِّرِينَ

«Худованд, воқеан ҳам, тавбакоронро дӯст медорад ва покихоҳонро дӯст медорад».[2]

Паёмбари ислом (с) низ фармудааст:

الطُّهُورُ شَطْرُالإِيمَانِ

«Покизагӣ нисфи имон аст».[3]

Таҳорат ва покизагӣ асоси тамоми ибодатҳост. Бинобар ин, намоз ҳам, ки меъроҷи рӯҳӣ, тулӯъгоҳи маънавӣ ва шоҳсутуни дини муъмин аст, танҳо ва танҳо бо покизагӣ дуруст мегардад. Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят мекунад, ки расули Худоро (с) шунидам, ки мегуфт:

لا تُقبَلُ صَلاةٌ بِغَيْرِ طُهُورٍ

«Ҳеҷ намозе бе покизагӣ қабул намегардад».[4]

Агар покизагии зоҳир шарти дуруст гардидани намоз бошад, пакизагии ботин шарти қабул ва суъуди (боло рафтани) он ба пешгоҳи Худованд аст.

Эй мусаллӣ, биё таҳорат кун,
Хонаи дини худ иморат кун!

Чун биёрӣ таҳорати зоҳир,
Ботинат низ Ҳақ кунад тоҳир.[5]

Паёмбари Худо (с) мефармояд:

مِفْتَاحُ الْجَنَّةِ الصَّلَاة وَمِفْتَاحُ الصَّلَاةِ الطُّهُورُ

«Калиди (дарҳои) ***биҳишт намоз ва калиди намоз покизагӣ аст»***.[6]

---

[1] Вузӯ ар. وضوء, обдаст; таҳорат ва дар шаръ он шустушӯи махсус барои покӣ пеш аз намоз аст, ки дар он узвҳое аз бадан ба тартиби хоссе шуста мешаванд. Он аз шартҳои сиҳҳати намоз ва аз шустани дастҳо ва сурат (рӯй), масҳ кашидани сар ва шустани пойҳо иборат аст. Таҳорат ар. طهارة/طهارت, дар луғат ба маънои пок гардидан, пок шудан; покӣ, муқобили олудагӣ ва данас; покиза нигоҳ доштан ва дар истилоҳи шаръ, назофати шаръӣ ва покиҳои махсус, ки аз ғусл, вузӯ, таяммум, истинҷо, шустан – пок сохтани бадан ва либос ва ғ., иборат аст ва дар тадовули мардум маъмулан ба маънои обдаст – вузӯ ба кор меравад, муқобили ҳадас.

[2] Сураи Бақара, 2: 222.

[3] Саҳеҳи Муслим, 533; Сунани Доримӣ, 658. Ҷ. 1. – С. 176; Муснади имом Аҳмад, 22395, 22402. Ҷ. 6. – С. 469, 471; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 3, 4. Ҷ. 1. – С. 16, 80. Ҷ. 7. – С. 228; Сунани Куброи Байҳақӣ, 186, 187. Ҷ. 1. – С. 72; Шуъабу-л-имон, 12. Ҷ. 1. – С. 45, 2709. Ҷ. 3. – С. 3, 2805. Ҷ. 3 – С. 38; Муъҷаму-л-кабир, 3424. Ҷ. 3. – С. 284.

[4] Саҳеҳи Муслим 534; Сунани Тирмизӣ 1; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон 3366. Ҷ. 8. – С. 152; Саҳеҳи Ибни Хузайма. 9. Ҷ. 1. – С. 8.

[5] Чаҳоркитоб, китоби аввал.

[6] Сунани Тирмизӣ, 4; Муснади имом Аҳмад, 14252.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمْتُمْ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ
فَٱغْسِلُواْ وُجُوهَكُمْ وَأَيْدِيَكُمْ إِلَى ٱلْمَرَافِقِ
وَٱمْسَحُواْ بِرُءُوسِكُمْ وَأَرْجُلَكُمْ إِلَى ٱلْكَعْبَيْنِ

«Эй муъминон, вақте ба намоз бархестед, (аввал) рӯйҳо ва дастони худро то оринҷҳо бишӯед ва (пас аз он) ба сарҳоятон масҳ кашед ва пойҳоятонро (низ) то буҷулҳо бишӯед!».[1]

Дар ояти боло фарзияти вузӯ пеш аз намоз баён гадидааст. Дар ин бора ҳадисҳои зиёде низ аз паёмбар (с) омадааст, аз ҷумла мефармояд:

لَا تُقْبَلُ صَلَاةُ مَنْ أَحْدَثَ حَتَّى يَتَوَضَّأَ

«Намози касе, ки вузӯяш шикаста бошад, то аз нав вузӯ нагирад, қабул намегардад».[2]

Боз мефармояд:

لَا يَقْبَلُ اللهُ صَلَاةَ أَحَدِكُمْ إِذا أَحْدَثَ حَتَّى يَتَوَضَّأَ

«Худованд намози ҳеҷ касе аз шуморо вақте вузӯяш шикаста бошад, то аз нав вузӯ нагирад, намепазирад».[3]

ТАРИҚАИ ВУЗӮ ГИРИФТАН

Вузӯгиранда ҳангоми вузӯ рӯй ба ҷониби қибла намуда, дар ҷои баланд бинишинад. Аввал *«Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим»* гуфта, ҳар ду дасташро то банди даст се бор бишӯяд, баъд се бор об дар даҳон гирифта, мисвок намояд. Агар мисвок набошад, ба василаи порчаи дуруште ё бо ангуштони дасти рост (ду ангушти бузург) дандонҳояшро хуб тоза намояд. Вақте рӯзадор набошад, даҳони худро бо об ғарғара кунад, ба сурате ки об ба тамоми даҳонаш бирасад ва хуб пок шавад ва агар рӯзадор бошад, аз ғарғара худдорӣ кунад.

Баъд аз он се бор об дар бинӣ карда, онро бо дасти чапаш биафшонад.[4] Сипас се бор рӯи худро аз ҷои дамидани мӯи сар то зери занахдон (манаҳ) ва аз ин нармии гӯш то он нармии гӯш шуста ва дар сурате ки абрӯвони фишурда ё риши пурмӯй надошта бошад, обро то бехи мӯйҳо бирасонад. Пас аз он дасти росташро аз сари ангуштон ҳамроҳ бо оринҷ ва ба ҳамин шакл дасти чапашро ҳам бишӯяд.

Он гоҳ бо ангуштони як даст дасти дигари худро хилол намояд, бо оби тоза тамоми сарашро масҳ кашад. Гӯшҳояшро низ ба ин тартиб масҳ

Ҷ. 7. – С. 298; Муъҷаму-с-сағир, 597. Ҷ. 1. – С. 256; Муъҷаму-л-кабир, 4364. Ҷ. 4. – С. 532; Шуъабу-л-имон, 2711, 2712. Ҷ. 3. – С. 4; Мишкоти шариф. Ҷ. 1. – С. 39.

[1] Сураи Моида, 5: 6.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 135; Саҳеҳи Муслим, 536; Муснади имом Аҳмад, 8017. Ҷ. 2. – С. 594; Сунани Куброи Байҳақӣ, 573. Ҷ. 1. – С. 205.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 6554; Саҳеҳи Муслим 225; Сунани Абудовуд, 60; Сунани Тирмизӣ 76; Сунани Куброи Байҳақӣ, 769. Ҷ. 1. – С. 270, 1123. Ҷ. 1. – С. 393, 3469. Ҷ. 1. – С. 139; Саҳеҳи Ибни Хузайма, 11. Ҷ. 1. – С. 9.

[4] Дар бораи шустани даҳону бинӣ аз паёмбари акрам (с) умдатан ду сурати амал ривоят шуда, ки ҳар ду бо аҳодиси саҳеҳе таъйид шудаанд. Дар ҳадисҳое бо ривояти Ибни Аббос (рз) (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1073, 1075), Ҳумрон – мавлои Усмон (рз) (Саҳеҳи Бухорӣ, 159), Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) (Саҳеҳи Бухорӣ, 185, 186, 191, 192; Сунани Тирмизӣ, 27) ва ғайра омадааст, ки паёмбар (рз) бо як каф об мазмаза ва истиншоқ кард – даҳону биниашро се бор якҷоя бо як кафӣ об шуст. Дар ҳадисҳои дигаре аз Алӣ (рз) (Сунани Тирмизӣ, 48), Усмон (рз) (Сунани Абудовуд, 108), Абдуллоҳи Сунобиҳӣ (Муваттаъ, 64; Сунани Насоӣ, 103) ва дигарон омадааст, ки паёмбар (с) даҳону биниашро бо обҳои алоҳида шуст.

Бинобар ин, аз назари ҷумҳури аҳли суннат амал ба ҳар ду вариҳ ҷоиз аст, вале аз сӯи пешвоёни ҳадис ва фиқҳ тарҷеҳи ин ду гурӯҳи ривоятҳо бар якдигар сурат гирифта, ки аксари аҳли илм амал ба аҳодиси гурӯҳи аввалро тарҷеҳ додаанд. Машоихи мазҳаби ҳанафӣ амал ба аҳодиси гурӯҳи дуюмро баргузидаанд, вале ба гуфтаи Айнӣ дар Умдату-л-қорӣ, шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ (Ҷ. 2. – С. 395) ва Муҳаммадтақии Усмонӣ дар Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ (Ҷ. 1. – С. 235) амал ба аҳодиси гурӯҳи аввалро низ ҷоиз донистаанд.

Имом Тирмизӣ пас аз зикри ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зайд мефармояд: Молик, Ибни Уяйна ва чанд тани дигар ин ҳадисро аз Амр ибни Яҳё ривоят карда, вале ин ҳарфро, ки паёмбар (с) бо як каф об мазмаза ва истиншоқ кард, зикр накардаанд.... Баъзе аҳли илм гуфтаанд, ки мазмаза ва истиншоқ бо як каф об (вузӯро) ҷоиз мегардонад ва баъзе дигар гуфта, ки ҷудо кардани онҳо назди мо маҳбубтар аст. Имом Шофеъӣ фармуда: Агар онҳоро бо кафи обе ҷамъ созад, ҷоиз аст, вале агар онҳоро аз ҳам ҷудо кунад, он бароямон маҳбубтар аст.

Қавли ҷадиди имом Шофеъӣ (рҳ) ва назари муфто биҳ дар мазҳаб, ба гуфтаи Нававӣ, якҷоя шустани даҳону бинӣ се бор бо се каф об аст. Қавли маъмул дар мазҳаби имом Молик (рҳ) низ ҳамин аст.

кашад: ҳар ду ангушти саббоба (ишора)-ро ба сӯрохи гӯшҳо ниҳода, бо нарми (шикам)-и ҳар ду ангушти ибҳом (ангушти бузург), пушти ҳар ду гӯшро молиш диҳад ва бо пушти ангуштони ҳар ду даст гарданашро масҳ кашад.

Дар охир ҳар ду пои худро то шитоланг (буҷулҳо) бишӯяд ва ангуштони пояшро ба ин тартиб хилол намояд: бо ангушти хурди дасти чап ангуштони пои росташро аз ангушти хурди пой шурӯъ намуда ва ба ҳамин сурат ангуштони пои чапашро хилол намояд.

Амалҳое, ки вузӯгиранда дар аснои вузӯ анҷом медиҳад, ба чанд табақа тақсим мешаванд. Порае аз онҳо фароизи вузӯ ҳастанд, ки бо тарки он ва ё боқӣ мондани чизе аз он вузӯ дуруст намегардад.

Бахши дигаре аз он корҳо суннатҳои вузӯ мебошанд, ки дар шариат нисбат ба риояи онҳо таъкид шуда ва анҷом доданашон савоб ба ҳамроҳ дорад. Бо тарки яке аз онҳо ҳарчанд дар дурустии вузӯ халале ворид намегардад, вале нуқсоне дар савобаш ҳосил мешавад ва тарки бештари онҳо гуноҳ мебошад. Қисмати дигаре аз аъмоли вузӯ мустаҳабботи он мебошанд, ки вузӯгиранда бо риояи он савоб ба даст меоварад ва тарки он низ гуноҳеро мӯҷиб намегардад.

Пас аз анҷоми вузӯ рӯяшро ба сӯи қибла намуда, ин дуоҳоро бихонад:

а) Ашҳаду алло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу.

«Гувоҳӣ медиҳам бар ин ки нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ, ки ягона аст ва Ӯро шарике нест ва шаҳодат медиҳам бар ин ки Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Худо аст».[1]

***б)* Аллоҳумма-ҷъалнӣ мина-т-таввобина ва-ҷъалнӣ мина-л-мутатаҳҳирин.**

«Худоё, маро аз тавбакорон ва аз ҷумлаи покон ва покиҷӯён бигардон!».[2]

***в)* Субҳонака-л-лоҳумма ва биҳамдика, ашҳаду алло илоҳа илло анта, астағфирука ва атубу илайка.**

«Бор Худоё, Туро ба покӣ ҳамроҳ бо ҳамду саноят ёд мекунам. Гувоҳӣ медиҳам бар ин ки ҳеҷ маъбуде ҷуз Ту нест. Аз Ту омурзиш мехоҳам ва ба сӯи Ту бармегардам (тавба мекунам)».[3]

ВУЗӮИ КОМИЛ

Вузӯгиранда бояд шарти эҳсон ва исбоғро[4] дар вузӯ ба ҷой оварад, яъне хуб ва ба тамом вузӯ гирад, фарзҳо, суннатҳо ва одобу мустаҳабботи онро пурра риоя намояд, то он аҷру савоберо, ки дар ҳадис барои вузӯгирандагон зикр гардидааст, ба даст оварад ва аз азобе, ки дар натиҷаи бетаваҷҷуҳӣ ба онҳо ба кас мерасад, эмин бимонад.

Аз Ҳумрон – мавло (ходим)-и Усмон (рз) – ривоят шудааст, ки Усмон ибни Аффон (рз) барои вузӯ об хост ва ин тавр вузӯ гирифт: Нахуст дастонашро се бор шуст, пас аз он мазмаза (даҳонашро обгардон) ва истиншоқ кард (биниашро бо об афшонд). Сипас рӯяшро се бор шуст, баъд аз он дасти росташро бо оринҷаш се бор ва дас-

---

[1] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар (бандаи) мусулмоне некӯ ва ба тамом вузӯ гирад ва пас аз он: «Ашҳаду алло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу» бигӯяд, ҳашт дари биҳишт ба рӯяш кушода мегарданд. Аз кадом даре бихоҳад, дохили биҳишт мегардад»*** (Саҳеҳи Муслим, 552, 553; Сунани Ибни Моҷа, 470; Сунани Доримӣ, 717. Ҷ. 1. – С. 193; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 3. Ҷ. 1. – С. 13, 6. Ҷ. 1. – С. 14; Сунани Куброи Насоӣ, 9912; Сунани Куброи Байҳақӣ, 370. Ҷ. 1. – С. 135. Дар ривоятҳои дигар омадааст, ки онро се бор бигӯяд.

[2] Мусаннафи Ибни Абушшайба, 5. Ҷ. 1. – С. 14; Сунани Куброи Байҳақӣ, 371. Ҷ. 1. – С. 135. Дар ривоятҳои дигар ҳар ду дуо: *«Ашҳаду алло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу»* ва *«Аллоҳумма-ҷъалнӣ мина-т-таввобина ва-ҷъалнӣ мина-л-мутатаҳҳирин»* якҷоя зикр шудаанд. (Мусаннафи Ибни Абушшайба, 2, 7. Ҷ. 1. – С. 13; Мусаннафи Абдурраззоқ, 731. Ҷ. 1. – С. 186; Муъҷаму-л-авсат, 4895. Ҷ. 5. – С. 251).

[3] Аз Абусаъиди Худрӣ (рз) ривоят шудааст, ки касе пас аз вузӯ: *«Субҳонака-л-лоҳумма ва биҳамдика, ашҳаду алло илоҳа илло анта, астағфирука ва атубу илайка»* бигӯяд, *ба он мӯҳр ниҳода ва ба зери Арш бардошта мешавад ва то рӯзи қиёмат ношикаста нигоҳ дошта мешавад»* (Сунани Куброи Насоӣ, 9909, 9911; Мустадраки Ҳоким, 2072. Ҷ. 1. – С. 752. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст. Мусаннафи Ибни Абушшайба, 1. Ҷ. 1. – С. 13; Мусаннафи Абдураззоқ, 730. Ҷ. 1. – С. 186, 6023. Ҷ. 3. – С. 378; Шуъабу-л-имон, 2754. Ҷ. 3. – С. 21; Муъҷаму-л-авсат, 1478. Ҷ. 2. – С. 132).

[4] Эҳсон ар. إحسان, хубӣ, зебоӣ, камол ва дар ин ҷо ба маънои камол ва тамом аст. Исбоғ ар. إسباغ, ба маънои тамом гардонидан, комил кардан, бар ваҷҳи камол ба ҷой овардан; дар вузӯ ба маънои расонидани об ба тамоми мавзеъҳо ва узвҳои он ва онро ба ваҷҳи камол ба ҷой овардан аст.

ти чапашро ба мисли дасти росташ шуст, он гоҳ сарашро масҳ кашид ва пас аз он пои росташро ҳамроҳи буҷул ва пои чапашро ба монанди он се бор шуст, сипас гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки ин тавр вузӯ гирифт ва фармуд:

مَنْ تَوَضَّأَ نَحْوَ وُضُوئِي هَذا، ثُمَّ قَامَ فَرَكَعَ رَكْعَتَيْنِ لَا يُحَدِّثُ فِيهِمَا نَفْسَهُ، غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ.

«Ҳар касе ба монанди ин вузӯи ман вузӯ гирад ва бо ҳузури дил (бе ҳеҷ гуна васвос ва сухани нафс) ду ракъат намоз гузорад, гуноҳони (сағираш) гузаштааш бахшида шаванд».[1]

Ибни Шиҳоб мегӯяд: Уламои мо мегуфтанд: Ин вузӯ комилтарин вузӯ барои намоз аст. Аз Абдуллоҳ ибни Амр (рз) ривоят шудааст, ки боре ҳамроҳи расули Худо (с) аз Макка ба Мадина баргаштем. Чун дар нимароҳ ба обе расидем, баъзеҳо ҳангоми намози аср шитоб намуданд ва саросема вузӯ гирифтанд. Вақте ба он ҷо расидем, дидем, ки пошнаи (ақиби) пойҳояшон бар асари хушкӣ (ҷойҳои хушкмондаи пойҳояшон) медурахшанд. Расули Худо (с) фармуд: ***«Оташи ҷаҳаннам аст барои пошнаи пойҳое, ки ҳангоми вузӯ хушк боқӣ бимонанд. Ба тамом (пуррагӣ) вузӯ бигиред!»***.[2]

Баръакс, касоне, ки хубӣ, бо оромӣ ва ба таври комил (пурра) вузӯ мегиранд, ҷои хушке дар узвҳои шусташавандаи худ боқӣ намегузоранд ва фарзҳо, суннатҳо ва мустаҳабботи онро бо диққати тамом риоя менамоянд, барояшон он аҷру савобе, ки дар ҳадисҳои расули Худо (с) зикр гардидааст, ҳосил мешавад, аз ҷумла паёмбар (с) фармуд:

مَنْ تَوَضَّأَ فَأَحْسَنَ الْوُضُوءَ، خَرَجَتْ خَطَايَاهُ مِنْ جَسَدِهِ حَتَّى تَخْرُجَ مِنْ تَحْتِ أَظْفَارِهِ.

«Ҳар кӣ вузӯ гирад ва шарти эҳсон дар он ба ҷой оварад – хуб ва ба таври комил вузӯ гирад, гуноҳонаш аз тамоми баданаш, ҳатто аз зери нохунҳояш берун меоянд».[3]

ФАРЗҲОИ ВУЗӮ

Амалҳое, ки дар вузӯ анҷом додани онҳо фарз аст, иборатанд аз:

1. Шустани рӯй аз ҷои дамидани мӯи сар то поёни манаҳ ва аз нармии гӯши рост то нармии гӯши чап.

2. Шустани дастҳо аз сари ангуштон то оринҷҳо.

3. Масҳи чаҳоряки сар.

4. Шустани пойҳо аз сари ангуштон то буҷулакҳо.

Чаҳор фарзи вузӯ дар ояти фарзияти он ба тартиби боло зикр шудаанд.

Дар сабоҳу равоҳу лайлу наҳор,
Дар вузӯ нест ҷуз фариза чаҳор.

Шустани дасту рӯйу масҳи сар аст,
Шустани пой низ муътабар аст.

Рубъи сар масҳ фарз бояд дид,
Лозимаш ҳамчу қарз бояд дид!

МАСҲИ РИШ

Ҳамон тавре ки мушоҳида намудем, масҳ кашидани риш дар ояти фарзияти вузӯ дар қатори чаҳор фарзи он наомадааст. Вақте риш қисмате аз узви шусташаванда, яъне рӯйро мепӯшонад ва чун ғафс ва пурмӯй бошад, расонидани об ба зери он мушкил мегардад, бинобар ин, фақеҳони киром масҳи онро ба унвони ҷойнишини шустан, на ҳамчун фарзи мустақил, ба он чаҳор фарз ҳамроҳ намудаанд. Вале фарзҳои вузӯ аслан ҳамон чаҳор фарз мебошанд.

Бо вуҷуди он ки баъзе фуқаҳо масҳи ришро аз ҷумлаи фарзҳои вузӯ зикр кардаанд, вале назди аксари донишмандон ва пешвоёни ислом аз дидгоҳи мазҳаби ҳанафӣ дар вузӯ фарзе ба номи масҳи риш вуҷуд надорад. Вале агар риш анбӯҳ ва ғафс бошад, шустани қисми бе-

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 158, 162, 1832, 6069; Саҳеҳи Муслим 537, 538, (226); Сунани Абудовуд, 106, 108; Сунани Насоӣ, 116, 84, 85.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 60, 96, 161; Саҳеҳи Муслим, 569, 571; Сунани Абудовуд, 97; Сунани Ибни Моҷа, 450; Саҳеҳи Ибни Хузайма, 161. Ҷ. 1. – С. 83, 166; Ҷ. 1. – С. 86; Муснади имом Аҳмад, 6770. Ҷ. 2. – С. 396, 6937. Ҷ. 2. – С. 427, 7063. Ҷ. 2. – С. 450.

[3] Саҳеҳи Муслим, 577 (245); Муснади имом Аҳмад, 478. Ҷ. 1. – С. 106; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 15. Ҷ. 1. – С. 17; Шуъабу-л-имон, 2731. Ҷ. 3. – С. 12; Муъҷаму-л-авсат, 4439. Ҷ. 5. – С. 20; Муъҷаму-л-кабир, 7567. Ҷ. 8. – С. 124.

рунии он фарз аст, на масҳи он.

Дар сурате риш каммӯй ва тунук бошад, шустани зоҳири он кифоят намекунад, балки бояд ба зери он ба пӯсти рӯй об расонида шавад ва он фарз мебошад. Дар ин сурат шустани мӯйҳои овезони он фарз нест. Ҳамчунин масҳ кашидани он низ фарз намебошад. Фарз ҳамон шустани рӯй аст ва дар сурати ғафс будани риш ҳамон фарз – яъне шустан – ба қисми берунии риш интиқол меёбад[1]

[1] Дар китобҳои фиқҳ соҳиби «Виқоя», «Мухтасару-л-виқоя» ва соҳиби «Канзу-д-дақоиқ» ҷониби масҳи ришро тарҷеҳ додаанд ва ин ривояти Бишр аз имом Абуюсуф (рҳ) ва Абуҳанифа (рҳ) аст.

Аммо дигар матнҳои фиқҳӣ ҳама шустани қисми берунии ришро фарз медонанд. Ҳатто шарҳи «Канзу-д-дақоиқ» дар саҳифаи 33-юми «Табйину-л-ҳақоиқ» мегӯяд: Аз имом Абуҳанифа (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) ривоят шуда, ки расонидани об ба зоҳири риш воҷиб аст ва ин саҳеҳтарин қавлест, ки аз онҳо ривоят шудааст. Дар «Фатовои ҳиндия» омадааст: Назди Абуҳанифа (рҳ) масҳи чаҳоряки риш фарз аст, дар «Шарҳулвиқоя» чунин аст. Ва аз Абуҳанифа (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) ривоят шуда, ки имрор (расонидан ва ҷорӣ сохтан)-и об бар зоҳири риш воҷиб аст ва он (қавл) саҳеҳтарин аст ва дар «Табйин» чунин омадааст ва он саҳеҳ аст, инчунин аст дар «Зоҳидӣ» (Ҷ. 1. – С. 5–6). Дар «Бадоеъ» низ омадааст: Шустани он воҷиб аст, зеро башара дар он ҳолат аз рӯй будан хориҷ ва зоҳири мӯйҳои ба он пайваста рӯй гаштааст ва Абуҳанифа (рҳ) бо ишора ба ин фармудааст: Мавзеъҳои вузӯ он ҷойҳое ҳастанд, ки аз онҳо зоҳир бошанд ва зоҳир аз рӯй (дар ин ҳолат) мӯй аст, на башара. Пас шустани он воҷиб аст (Ҷ. 1. – С. 96–97).

Дар «Дарси Ҷомеи Тирмизӣ» дар саҳифаи 303-юм омадааст: Соҳиби «Канзу-д-дақоиқ» ва мусаннифи «Виқоя» масҳи рубъи ришро ихтиёр намудаанд, вале тамоми фақеҳони дигар бо назарияи масҳи риш мухолифат намуда, онро мавриди интиқод қарор додаанд. Назди ҳанафиён шустани тамоми риш қавли муфто биҳ (фатвошуда ба он) аст. (Аллома Муҳаммадтақии Усмонӣ, Дарси «Ҷомеи Тирмизӣ». – Ҷ. 1. – С. 303. – Зоҳидон, 2006. Минбаъд: Дарси Ҷомеи Тирмизӣ).

Ҳаскафӣ низ дар «Дурру-л-мухтор» дар боби «Аркони вузӯ» шустани тамоми ришро амалан фарз дониста, ин назарро дар мазҳаб қавли саҳеҳ ва муфто биҳ гуфтааст. (Радду-л-муҳтор – ҳошияи Дуррулмухтор. – Ҷ. 1. – С. 225, 226).

Зафараҳмади Усмонӣ дар саҳифаи 38-уми «Эълоу-с-сунан» боби махсусе дар бораи шустани риш овардааст. Дар он ҷо пас аз овардани далелҳои ду тараф шустани зоҳири риши ғафсро асли бе мунозеъ ва саҳеҳтарин қавл ва муфто биҳ медонад.

Дар китобҳои дигар низ ин масъала мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баъзе китобҳои фиқҳӣ, ба монанди «Ҳидояи шариф» ва «Мухтасари Қудурӣ» мавзӯъро то ҷое равшан медонанд, ки пас аз зикри чаҳор фарзи вузӯ дигар ба мавзӯи риш ишорае накардаанд.

Шарафуддини Бухорӣ дар манзумаи худ дар фасли фароизи вузӯ ба таври равшане ба ин масъала ишора кардааст, он ҷо ки мефармояд:

Дар сабоҳу равоҳу лайлу наҳор,
Дар вузӯ нест ҷуз фариза чаҳор.

СУННАТҲОИ ВУЗӮ

Амалҳое, ки дар вузӯ анҷом додани онҳо суннат аст, иборатанд аз:[2]

1. «Бисмиллоҳ» гуфтан дар ибтидои вузӯ.
2. Се бор шустани дастҳо то банди даст.
3. Мисвок намудани дандонҳо.
4. Се бор шустани даҳон (мазмаза).
5. Се бор об кашидан ба дохили бинӣ ва шустани он (истиншоқ).
6. Масҳи тамоми сар ва ҳамчунин гӯшҳо бо

[2] Вақте кас ба тафсили фарзҳо, суннатҳо ва мустаҳабботи вузӯ ва ғусл бо диққат назар меафканад, воқеан ҳам, исломро беҳтарин ойини покӣ ва барномаи беҳдоштӣ (гигиенӣ) меёбад. Мас., расули Худо (с) мефармояд: ***«Агар бар умматам машаққат намешуд, онҳоро ба шустан ва мисвоки дандонҳо пеш аз ҳар намозе амр мекардам»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 887; Сунани Абудовуд, 46, 47; Сунани Тирмизӣ, 22, 23). Аз Оиша (рз) ривоят шудааст: ***«Расули Худо (с) ҳеҷ гоҳ шаб ё рӯз хоб намекард, магар ин ки пас аз бедор шудан, пеш аз он ки вузӯ гирад, (дандонҳояшро) мисвок мекард»*** (Сунани Абудовуд, 57).

Дар ҳадиси дигаре мисвок аз ҷумлаи даҳ кори фитрат дониста шудааст. (Саҳеҳи Муслим, 603, 604; Сунани Абудовуд, 53; Сунани Тирмизӣ, 2757; Сунани Насоӣ, 5055, 5056, 5057; Сунани Ибни Моҷа, 293).

Оиша (рз) мефармояд: *«(Расули Худо (с) дар он бемориаш, ки вафот кард, рӯзе сарашро бар синаи ман такя дода мехобид. Дар ҳамин вақт) Абдурраҳмон ибни Абубакр дохил шуд ва ҳамроҳаш мисвоке дошт, ки дандонҳояшро бо он мисвок мекард. Расули Худо (с) ба сӯи вай нигоҳ кард (ва мисли ин ки мехост дандонҳояшро мисвок намояд).*

*Гуфтам: Эй Абдурраҳмон, мисвокатро ба ман деҳ. Онро гирифта, шикастам ва бо дандонҳоям нарм намуда, ба расули Худо (с) додам. Вай дар ҳоле ки бар синаи ман такя дошт, дандонҳояшро мисвок кард. Ҳаргиз расули Худо (с)-ро надида будам, ки чунин зебо мисвок намояд. Ва ҳамин ки аз мисвок кардан фориғ гашт, даст ва ё ангушташро бардошт ва се бор: **«Бо рафиқи аъло»** гуфт ва бо ҳамин тамом кард ...»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 890, 3100, 4438, 4449, 4450, 4451).

Ҳамин тавр, паёмбари ислом (с) ба пок нигаҳ доштани мисвок ва тозагии василаи дандоншӯй низ ҷиддан таваҷҷуҳ додааст. Оиша (рз) мефармояд: ***«Паёмбар (с) мисвок мекард. Он гоҳ (чӯби) мисвокро ба ман медод, то онро бишӯям. Ман низ дандонҳоямро мисвок мекардам, сипас онро шуста, ба ӯ мededодам»*** (Сунани Абудовуд, 52).

як об.[1]

7. Хилол намудани ангуштон.

8. Хилол намудани риш аз зери он.

9. Се борӣ шустани ҳар узв дар вузӯ.[2]

Суннати обдаст даҳ бошад,[3]
Ҳар ки донист марди раҳ бошад.[4]

Шустани даст пешу пас мисвок аст.
Номи Ҳақ гуфтан аз дили пок аст.

Мазмаза, масҳи гӯшу истинҷо,
Ба се карат шустани аъзо.

Низ ангушти пойро тахлил,
Суннат омад зи Мустафо беқил.

Боз тахлили лиҳяву истиншоқ,
Гуфтам ин ҷумларо ала-л-итлоқ.

Узв агар тар кунӣ раво набувад,
Рондани об ҷуз даво набувад![5]

МУСТАҲАББОТИ ВУЗӮ

1. Ният кардан.

2. Ба тартиб анҷом додани амалҳои вузӯ.

3. Аз рост шурӯъ кардан.

4. Муволот, яъне пайи ҳам шустани аъзо ва фосила наандохтан байни амалҳои вузӯ.[6]

Дар вузӯ шаш зи мустаҳаббот аст,
Нияту з-он сипас муволот аст.

Ҳама сар масҳу в-он гаҳе тартиб,[7]
Ба маёмин бидоят аз таъдиб.[8]

Гар ту масҳ[9] аз сар амал гирӣ,
Масҳи гардан аз ин қибал гирӣ!

БАҚИЯИ ОДОБ ВА МУСТАҲАББОТИ ОБДАСТ (ВУЗӮ)

Дар вузӯ риояи корҳои зерин низ хуб ва аз ҷумлаи одоб аст:

1. Офтобаро бо дасти чап доштан.

2. Ниятро дар тамоми аъмол то поёни вузӯ нигоҳ доштан.

3. Дар ҷои пок ва баланд вузӯ гирифтан.

4. Шустани рӯйро аз ҷониби болои он шурӯъ кардан.

5. Шустани дасту пойро аз ҷониби ангуштон сар кардан.

6. Даҳону биниро бо дасти рост шустан.

7. Бо дасти рост об гирифтан.

8. Ангуштарӣ ва гӯшворро ҷунбонидан – ҳаракат додан.

9. Гӯшаҳо ва лаби пилконаш – дохили мижаҳояшро шустан.

10 Худдорӣ кардан аз исрофи об, бар рӯй сахт баркардани он ва афкандани оби даҳон дар об.

---

[1] Масҳ кашидани сар бо барф ҳам ҷоиз аст (ал-Фатовал-ҳиндия. – Ҷ. 1. – С. 7). Зеро барф оби мунҷамид ва ба ҳолати сахт даромада аст.

[2] Узвҳое, ки дар вузӯ шуста ё масҳ кашида мешаванд, ба онҳо узвҳои вузӯ гуфта мешавад. Онҳо чаҳор узв: се шусташаванда ва як масҳшаванда мебошанд. Рӯй, ду даст то оринҷҳо ва ду пой то буҷулакҳо узвҳои шусташаванда ва сар узви масҳшаванда мебошанд, ки фарзияти онҳо бо ояти карима собит шудааст.

[3] Мусанниф (рҳ) суннатҳои обдастро даҳ амал дониста, истинҷоро аз ҷумлаи онҳо баршумурдааст, дар сурате ки он амали ҷудо ва пеш аз обдаст аст.

[4] Ҳар ки аҳком ва амалҳои вузӯро бо шумули суннатҳои он хуб бидонад, марди раҳ – солик ва раҳрави воқеии роҳи шаръ бошад.

[5] Бо тар кардани узвҳои шусташаванда дар вузӯ таҳорат дуруст намешавад, бояд онҳо дар об шуста шаванд – об бар онҳо равон карда шавад ва суннат аст, ки бо даст молиш дода шаванд.

[6] Зоҳиран қавли роҷеҳ назди аиммаи мазҳаб он аст, ки ният, тартиб ва муволот (пай дар пай шустани аъзо) аз ҷумлаи суннатҳои вузӯ ҳастанд ва ба ин тартиб дар вузӯ дувоздаҳ суннат аст.

[7] Масҳи ҳамаи сар гарчанде дар ин байт дар зимни мустаҳабботи вузӯ зикр гардида, вале қавли роҷеҳ назди аиммаи мазҳаб бар суннат будани он аст, ба мисли ният, тартиб ва муволот.

[8] Яке аз суннатҳои расули акрам (с) таёмун – аз рост шурӯъ кардани ҳар амале, мин ҷумла амалҳои вузӯ, будааст. Бинобар ин, аз рост шурӯъ кардани шустушӯи ҳар узве аз ҷумлаи одоб ва мустаҳабботи вузӯ аст, ба ҷуз он амалҳое, ки онҳоро бо ду даст анҷом дода мешавад, ки барои таёмун – аз рост шурӯъ кардан дар онҳо зарурат ва ваҷҳе боқӣ намемонад, ба монанди шустани рӯй, масҳи сар ва ғ. Вақте об бо ҳар ду даст бар рӯй баркарда мешавад ва ё бо ҳар ду даст бар сар масҳ кашида мешавад, он амал дар росту чап якҷоя ба ҷой оварда мешавад.

9 Дар нусхаҳои чопи қадими «Ҷаҳоркитоб» ба ҷои масҳ «ҳайч» омадааст, вале дар китоби Панҷганҷ, чопи Зоҳидон ва Кобул масҳ аст.

ШИКАНАНДАҲОИ ВУЗӮ

Вузӯ ба сабаби корҳои зерин аз байн меравад, ки онҳоро шиканандаҳои вузӯ мегӯянд:

1. Ҳар он чи аз пас ва пеши одамӣ хориҷ шавад.[1]

2. Наҷосате, ки аз бадани шахс хориҷ шуда ва саялон менамояд (ҷорӣ мегардад), ба монанди хун, рим ва зардоб.[2]

3. Қай намудан (дар сурате ки даҳонро пур кунад).[3]

4. Хобидан (ба паҳлӯ, бар болин, бар пушт, бар рӯй ва ҳамчунин бо такя бар чизе).

5. Хоби такязада бар чизе, ба гунае ки агар он чиз гирифта шавад, шахси хобида бияфтад.

6. Беҳушӣ.

7. Девонагӣ.

8. Хандаи баланд (бо қаҳқаҳа) дар намозҳое, ки бо рукӯъу суҷуд ба ҷой оварда мешаванд.[4]

Ончи аз пешу пас аён гардад,
Обдасти туро зиён гардад.

Риму хун чун равон ҳамебошад,
Қай кунӣ пурдаҳон ҳамебошад.

Хоби такязада вузӯ шиканад,
Такя бар хоб ҳеҷ кас накунад!

Қаҳқаҳа дар намозу беҳушӣ,
Боз девонагию мадҳушӣ.

Агар роҳи пешоб баста гардад ва он ба таври ғайри табиӣ (бо найча – шланг) аз паҳлӯ ва

---

[1] Таҳорат бо он чи аз бадан хориҷ мешавад, мешиканад, вале рӯза бо ворид шудани чизе ба дохили бадан мешиканад, хоҳ он аз роҳҳои табиӣ сурат бигирад, хоҳ аз ғайри он. Аммо бо сӯзан задан (укол) на таҳорат мешиканад, на рӯза, ба истиснои чанд маврид: Агар аз ҷои сӯзан ба андозае хун барояд, ки дар сурати ба ҳоли худ гузоштанаш ҷорӣ гардад ё вақте сӯзан ба рагҳои хунгард зада мешавад, хуне хориҷ гардад ва ё хун гирифта шавад, дар тамоми ин ҳолатҳо вузӯ мешиканад, на рӯза.

[2] Дар бораи ноқизи вузӯ будан ва ё набудани хун ва ё зардобе, ки аз ҷое аз бадан ва ё аз захмҳо хориҷ мешавад, дар назди пешвоёни мазоҳиби аҳли суннат ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Ба андешаи баъзе аҳли илм, ба монанди аиммаи мазҳаби моликӣ, шофеъӣ ва аксари асҳоби ҳадис ноқизи вузӯ он чизест, ки аз яке аз сабилайн хориҷ шавад ва хун ва ё зардобе, ки аз ҷои дигари бадан хориҷ мешавад, шиканандаи вузӯ ба шумор намеравад. Зеро ривоят шуда, ки марди ансорие шабона ба посбонии лашкари ислом машғул буд. Вай дар аснои намоз бо тире аз сӯи душман захмӣ гардид ва ба хун оғушта гашт, вале намозашро қатъ накард. Бухорӣ дар давоми ривоят аз Ҳасани Басрӣ оварда, ки мусулмонон ҳамеша бо захмҳояшон намоз мегузориданд (Саҳеҳи Бухорӣ, боби 34; Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 1. – С. 480).

Аз назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ хун ва зардоб аз захм ва ё ягон ҷои бадан ҳам хориҷ шавад, вақте аз ҷои захм ва хуруҷаш саялон кунад ва берун шавад, ноқизи вузӯ ба шумор меравад. Аиммаи ҳанбалӣ ҳам дар ғайри ҷароҳатҳо ва бо каме тафовут дар ҷузъиёт ҳамин назарро доранд. Дар ин бора осори зиёд ва ривоятҳои саҳеҳе собит шудааст ва он назари бисёре аз саҳобагон ва тобеин, ба монанди Ибни Масъуд (рз), Ибни Аббос (рз), Зайд ибни Собит (рз), Ибни Умар (рз), Саъид ибни Мусайяб, Қатода, Суфёни Саврӣ, Ҳасани Басрӣ, Исҳоқ ва дигарон аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 17. – С. 113).

Аз Оиша (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Касеро қай ё руъоф (хунравӣ аз бинӣ) ё қалс (чизе, ки аз ҳалқ аз ғайри қай берун ояд) ва ё мазӣ расад, баргашта вузӯ гирад, он гоҳ то вақте сухан нагуфта бошад, бино намояд»*** (Ибни Моҷа, 1221). Ҳадисро Бусирӣ заъиф гуфтааст, вале дар Мусаннафи Ибни Абушайба шавоҳиде барои он зикр шуда, ки маъноияш бо онҳо тақвият мешавад. Дар Мусаннафи Ибни Абушайба бо санади саҳеҳ ривоят шуда, ки Ҳасани Басрӣ вузӯ гирифтанро аз хун назар намедод, магар вақте равон бошад. (Мусаннафи Ибни Абушайба, 1467. – Ҷ. 1. – С. 250).

Дар бораи наҷис будани хун ҳамаи аҳли илм иттифоқи назар доранд, вале дар бораи ин ки чӣ миқдоре аз он афв аст, боз дидгоҳҳои мутафовите иброз доштаанд.

[3] Назди аиммаи ҳанафӣ таом, об ва дигар чизҳои қайшуда, ҳарчанд ҳанӯз авсофи онҳо тағйир нахӯрда бошанд ҳам, вақте ба меъда расида бошанд, наҷосати ғализа ҳастанд ва ба ҳар ҷое аз бадан, либос ва ғ. бирасанд, онро бенамоз – нопок ва наҷис мегардонанд, зеро он бо ғизои ҳазмшуда ва наҷосати мавҷуд дар меъда омехта ва олуда шудааст. Шире, ки тифли ширхора пас аз макидан дарҳол қай мекунад низ, вақте ба пурри даҳон бошад, ҳамин ҳукмро дорад. Назари ҷумҳури аиммаи шофеъӣ ва ҳанбалӣ низ бо он тафсиле, ки дар ин замина доранд, ҳамин аст, вале назди аиммаи моликӣ ғизои қайшуда то дар натиҷаи ҳазм шудан тағйир наёфта бошад, пок мебошад.

Аммо он ғизое, ки аз ҳалқ поин шуда, вале ҳанӯз ба меъда нарасидааст, агар қай шавад, бо пуррии даҳон ҳам бошад, нопок нест (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 289, 290; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 34. – С. 86-88).

[4] Дар бораи ханда дар намоз низ дар байни аҳли илм ду назар вуҷуд дорад. Аз назари имом Молик (рҳ), имом Лайс (рҳ) ва имом Шофеъӣ (рҳ) ханда намозро ботил месозад, вале вузӯро намешиканад, чи бо қаҳқаҳа бошад, чи зиҳк. Аммо дар назди машоихи мазҳаби ҳанафӣ хандаи бо қаҳқаҳа ҳам намозро фосид мегардонад ва ҳам вузӯро мешиканад, хандаи зиҳк намозро фосид месозад, вале вузӯро намешиканад ва хандаи табассум на намозро фосид месозад ва на вузӯро мешиканад.

ё ҷои дигари бадан бароварда шавад ва ё ахлот ба таври ғайри табиӣ аз шикам берун карда шавад, ин ҳолатҳо аз назари аиммаи ҳанафӣ шиканандаи вузӯ ба шумор мераванд.

БАЁНИ МУФАССАЛТАРИ ПОРАЕ АЗ ОДОБ, МУСТАҲАББОТ ВА ШИКАНАНДАҲОИ ВУЗӮ

Ғайр аз фарзҳо ва суннатҳо амалҳои дигаре низ дар обдаст (вузӯ) вуҷуд доранд, ки ба онҳо одоб ва мустаҳабботи вузӯ гуфта мешавад.[1]

1. Барои сиҳҳати вузӯ ният шарт нест, ҳамин ки се узви шусташаванда дар вузӯ шуста ва бар сар масҳ кашида шавад, вузӯ ҳосил мешавад, хоҳ қасд – нияти вузӯ гирифтан карда бошад ё не, вале дар сурати надоштани қасди вузӯ савобе ба даст намеояд. Зеро назди аиммаи мазҳаб ният шарти сиҳҳати вузӯ ба шумор намеравад, вале барои ҳусули савоб шарт аст.

2. Агар касе бар хилофи равиши суннат, ба он тартибе, ки баён гардид. вузӯ гирад, вузӯяш дуруст аст, вале бар хилофи равиши маснун буда, эҳтимоли гуноҳро дорад.

Бинобар ин, агар сарашро дар вузӯ ба ҷои масҳ бишӯяд ё онро дар зарфи обе фурӯ барад, вузӯяш дуруст мегардад, вале ибтидоан ва бе ҳеҷ сабабе чунин кардан кароҳият дорад. Ҳамин тавр агар пойафзорҳо – мӯзаҳо ва ё масҳиҳояшро дар вақти вузӯ ба ҷои масҳ бишӯяд ё дар зарфи обе фурӯ барад ва об мавзеи масҳро тар намояд, он ба ҷои масҳ ҷоиз гардад, вале бе ҳеҷ сабабе чунин кардан кароҳият дорад.[2]

3. Вақте як узвро шуст, дар шустани узви дигар чандон таъхир нанамояд, ки узви аввалӣ хушк шавад.

4. Дар шустани ҳар узв ҳамчунин суннат аст, ки онро бо даст бимолад, то ҳама ҷои он тар шавад.

5. Омода намудани асбоби вузӯ пеш аз даромадани вақти намоз мустаҳаб аст.

6. То вақте ки узре надошта бошад, ба дасти худ вузӯ бигирад ва аз касе мадад нахоҳад. Ҳангоми вузӯ гирифтан аз суҳбати дунявӣ худдорӣ намояд ва дар ибтидои шустани ҳар узв *«Бисмиллоҳ»* гуфта, калимаи *«Таййиба»* ва дигар дуоҳои маъсура (ривоятшуда)-ро бихонад.

7. Об ҳарчанд дар дастрас зиёд бошад ҳам, онро аз андозаи суннат бештар масраф накунад ва ҳар узверо аз се бор бештар нашӯяд.

Макун исроф мои маҷонӣ,
*Чун **ва ло тусрифӯ** ҳамехонӣ!*[3]

---

[1] Калимаҳои одоб, мустаҳаб ва фазилат маънои бо ҳам наздикро ифода мекунанд. Фарқе, ки миёни одоб, мустаҳаб ва фазилат бо суннат аст, ин аст, ки суннатро паёмбар (с) ба таври ҳамешагӣ ва бо мудовамат анҷом додааст ва ҷуз дар як ё ду маврид онро тарк накардааст. Шахси мусулмон низ бо анҷом додани он савоб мегирад ва дар тарк карданаш мавриди итоб (сарзаниш) ва накӯҳиш қарор мегирад. Аммо одоб ва мустаҳаб чизест, ки шахс бо анҷом додани он савоб ва мавриди ситоиш қарор мегирад, вале бо таркаш ба ҳеҷ гуна накӯҳиш ва итобе рӯ ба рӯ намегардад.

Одоб ва фазилат ба корҳое итлоқ мегардад, ки ба ҳаёти одии расули Худо (с) тааллуқ доранд ва мустаҳаб аксаран ба корҳое итлоқ мегардад, ки такмилкунандаи ҳусну савоби амалҳои шаръӣ ба шумор мераванд. Мавлоно Шарафуддини Бухорӣ дар ин бора бисёр накӯ гуфтааст:

Гар касе бар ту шубҳат андозад,
Мустаҳабро зи суннат андозад,

Эй дилат пур зи нуру зи ҳикмат,
Мустаҳаб дур нест аз суннат!

Баъд аз он ҳарчи ҳаст одоб аст,
Ёд гираш, ки нусхаи камёб аст!

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 224, 225; ал-Фатова-л-ҳиндия. – Ҷ. 1. – С. 7; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 14. – С. 350.

[3] Одамӣ набояд дар истифода аз оби маҷонӣ – неъмати муфт, фаровон ва ройгоне, ки Худо дар ихтиёраш қарор додааст, исроф намояд ва онро бебаркаш сарф кунад, зеро Худованд дар Қуръони карим (7: 31) «**Кулӯ ва-шрабӯ ва ло тусрифӯ – бихӯред ва бинӯшед, вале исроф накунед!**» фармудааст.

Миқдори обе, ки аз ғуслу вузӯи паёмбари акрам (с) ривоят шуда, як муд барои обдаст ва як соъ барои ғуслаш буда. Аз Анас (рз) ва дигар саҳобагон ривоят шуда, ки паёмбар (с) бо як соъ (об) ғусл ва бо як муд вузӯ мекард (Саҳеҳи Бухорӣ, 201; Сунани Тирмизӣ, 56). Аз он ҷо ки ривоятҳои боб вазнҳои гуногунеро аз ғуслу вузӯи он ҳазрат (с) баён доштаанд, фақеҳони киром бо истинод ба ҳадиси фавқ камтарин миқдори обро барои вузӯ як муд ва барои ғусл як соъ донистаанд, вале барои ҳадди болои он миқдоре муайян накардаанд, ҳарчанд исрофро дар он ҳаром донистаанд. Як муд ҳудудан баробари яку ним ман ва як соъ баробари чаҳор ман аст.

Дар вузӯ об як ману ним аст,
Ғуслро чаҳор ман зи таълим аст.

Талафи об чун раво набувад,
Талафи умр ҷуз хато набувад!

8. Обро бо шиддат (сахт) бар рӯй ва дигар аъзо назанад ва бо дасти чап мазмаза ва истиншоқ накунад, зеро он бар хилофи суннат буда, шаръан кароҳият дорад. Ҳамчунин суннат аст, ки рӯяшро бо ҳар ду даст бишӯяд, зеро ривоят шуда, ки расули Худо (с) обро аз зарф бо дасти рост бармедошт ва ё обро аз зарф аввал ба дасти росташ мерехт, сипас миқдоре аз онро ба дасти чапаш рехта рӯяшро бо ҳар ду даст мешуст.

Об андар даҳону дар бинӣ,
Бо кафи чап кароҳият бинӣ!
Обро бар рӯй сахт бар кардан,
Аврати хешро назар кардан.[1]

Риояи ин амр вақте лозим аст, ки шахси вузӯгиранда ва ғуслкунанда дар хона ва об дар зарф бошад. Аммо агар дар лаби обе бошад, пас истифодаи оби бештар дар ғуслу вузӯ боке надорад, вале узвҳояшро дар вузӯ аз се бор зиёд нашӯяд.

Ҳаст ин эҳтиёт дар хона,
Ки бувад оби ту ба паймона.

В-ар ту эй хоҷа, бар лаби ҷӯйӣ,
Нест исроф ҳарчӣ мешӯйӣ.

[1] Бе зарурат ба аврати худ назар кардан ва беҳоил ба он даст расонидан кароҳият дорад, вале дар ҳолати пеш омадани зарурате ҷоиз аст ва бо он вузӯ намешиканад. Дар бораи даст расонидан ба аврати мард ду гурӯҳи ривоятҳо собит шудаанд, ки бар асоси аҳодиси гурӯҳи аввал вузӯ аз он намешиканад ва ин назари имом Абуҳанифа (рҳ), Суфёни Саврӣ (рҳ), Абдуллоҳ ибни Муборак (рҳ) ва дигар аҳли илм аст. Алӣ ибни Абутолиб (рз), Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз), Абдуллоҳ ибни Аббос (рз), Аммор ибни Ёсир (рз) ва ҷамъи зиёде аз саҳобагон ва тобеин бар ин назар буданд (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 290-291). Гурӯҳи дуввуми аҳодис ба шикастани вузӯ аз даст расонидан ба аврат бе ҳоил далолат мекунанд ва ин назари имом Авзоъӣ (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) аст. Умар ибни Хаттоб (рз), Абдуллоҳ ибни Умар (рз), Абуҳурайра (рз), Оиша (рз) ва ҷамъи дигаре аз саҳобагон ва тобеин бар ин назар буданд (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 288).

Аз Қайс ибни Талқ аз падараш ривоят шуда, ки марде аз паёмбар (с) пурсид: Оё бо даст расонидани мард ба авраташ вузӯ мешиканад? Фармуд: ***«Оё он ҷуз порае аз (бадани) ӯст?»***. Ин ҳадис ба гуфтаи Алӣ ибни Мадинӣ (устоди имом Бухорӣ) аз ҳадиси Бусра беҳтар аст ва ба гуфтаи имом Тирмизӣ беҳтарин чизест, ки дар ин боб ривоят шудааст (Сунани Абудовуд, 182; Сунани Тирмизӣ, 85; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 295). Ва аз Бусра бинти Сафвон ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Касе ба закар (аврат)-аш даст бирасонад, то вузӯ нагирад, намоз нагузорад»***. Ин ҳадис ба гуфтаи Муҳаммад (Бухорӣ) саҳеҳтарин чиз дар ин боб аст (Сунани Тирмизӣ, 82).

Назди имом Шофеъӣ (рҳ) даст расонидан ба фарҷ (-и зан) ва дубур (роҳи ақиб) низ шиканандаи вузӯ мебошад ва дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар ҳеҷ чизе аз инҳо вузӯ намешиканад (Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 294). Ин тафовути назари пешвоёни ислом вақтест, ки аз онҳо бо даст расонидан чизе хориҷ нагардад, вале агар аз онҳо бавл ё мазӣ хориҷ шавад, пас ба иттифоқи ҳама вузӯ мешиканад.

Вале аз он ҷо ки ҳадиси Талқ ва Бусра ҳар ду саҳеҳ ҳастанд, бузургони аҳноф барои амал ба ҳар ду ривоят ва хуруҷ аз хилоф шустани дастро пас аз мисоси аврат, ҳамон гуна ки дар Рад (Ҷ. 1. – С. 304) омадааст, мандуб медонанд.

9. Чашмон ва лабонашро дар вақти шустани рӯй набандад ва агар чашмонашро ба тавре пӯшад, ки лаби пилконаш хушк монад, вузӯ дуруст намегардад. Расонидани об ба зери пилконаш зарурат надорад, зеро он дохили узв ба шумор меравад, аммо муқ (гӯшаи чашм аз сӯи бинӣ)-и чашмон бояд шуста шавад.

10. Агар дар ангушт ва дасти вузӯгиранда (чалла) ва дастина (дастпона) бошад, чархонидани он мустаҳаб аст, ҳарчанд бе он ҳам қисмати зеринаш тар шавад. Вале агар об аслан ба зери он нарасад ва он қисмат хушк монад, чархонидани он воҷиб ва зарур аст. Ҳукми холи (овезаи) бинӣ низ ҳамин аст.

11. Агар зери нохунҳояш аз хамир ё семент ё равған ва ғайра пур шуда ва хушкида бошад, ба гунае ки об ба зери нохун намерасад, вузӯяш дуруст намегардад. Бояд нохунҳояшро тоза намуда, он чизҳои часпидаро дур созад ва баъд аз он вузӯ бигирад. Агар бо ҳамон вазъ намоз хонад, намозашро аз сар бигузорад.

12. Агар барои чанд вақт намоз як бор вузӯ намояд ва вузӯаш ҳамчунон боқӣ бошад, дуруст аст, вале агар барои ҳар вақт намоз вузӯи нав бигирад, савоби бештаре дорад.

13. Вақте вузӯ гирифт, то замоне ки бо он вузӯ ибодатеро ба ҷой наовардааст, дубора вузӯ гирифтан макрӯҳ мебошад, вале агар ибодатеро ба ҷой овард, чун дубора вузӯ бигирад, нуре бар нур мегардад.

14. Дар вақти ғусл вузӯ гирифтан ва ҳамчунин он вузӯе, ки ҳамроҳи ғусл ҳосил мешавад, дуруст аст.

15. Агар дасту пойи кафидаро бо равған,

мум ва ё дигар анвои доруворӣ ва марҳамҳо пур намуда бошад, дар сурате ки берун овардани он аз ҷои кафидагӣ зараровар бошад, бе берун овардани он вузӯ дуруст мегардад.

16. Агар пас аз анҷоми вузӯ буҷули пой ва ё миқдоре аз бақияи узвҳое, ки шустани онҳо дар вузӯ фарз аст, хушк бимонад, молидани он бо дасти тар кофӣ набошад, балки зарур аст обро бар он ҷорӣ намояд, яъне ҳамон ҷои хушкмондаро бишӯяд.

17. Агар дар даст, пой ва ё бақияи узвҳои вузӯ захме вуҷуд дошта бошад ва ё дарде дорад, ки расонидани об ба он узв зарар мерасонад, дигар ҳамин қадар кофӣ бошад, ки дасти худро ба об занад ва бар он узв масҳ кашад. Ва дар сурате ки масҳ ҳам ба он зарар бирасонад, онро низ тарк намояд.

18. Агар захми узвҳои бадан бандинапеч шуда ва ё порчае бар он баста шуда бошад ва вазъи он ба гунаест, ки набояд об бар он бирасад ва боз карданаш низ зараровар аст, пас бар рӯи он бандина (бинт) ва ё порча масҳ кашад ва боз карданаш зарурате надорад.

19. Агар зери порча ё тахтаи шикастабандиро ба тамом захм ва мавзеи осеб ташкил надиҳад (яъне қисмате аз он солим бошад) ва дар айни ҳол боз кардани он низ бе ҳеҷ гуна азияте имкон дошта бошад, бояд он боз карда шавад. Он гоҳ ҷои солимашро шуста, ба рӯи захм масҳ кашад. Вале агар дар бозкарданаш эҳсоси дарду азият намояд, бар рӯи порча ва ё тахтаи шикастабандӣ масҳ кашад, хоҳ зери онро ба тамом захм ва мавзеи осеб фаро гирифта бошад, ё не.

20. Вақте порчаеро, ки бар захм ва ғайра баста шудааст, боз намуд ва дид, ки захм ҳанӯз беҳ нашудааст, онро дубора бибандад ва масҳ бар ҳоли худ боқӣ аст. Вале агар захм хуб шуда, дигар эҳтиёҷе ба бастан надошта бошад, масҳ ботил (бекор) мегардад. Он мавзеъро аз нав шуста, он гоҳ намоз бихонад.

21. Он чӣ аз пешу пас берун меояд, вузӯро мешиканад. Аммо аҳёнан аз пеш боде хориҷ мешавад, ки он вузӯро намешиканад. Берун омадани кирм аз гӯш, бинӣ ва ё даҳон низ вузӯро намешиканад. Аммо бо берун омадани кирм ва сангреза аз роҳи пеш ё пас вузӯ мешиканад.

Магар он бод, к-он зи пеш бувад,
Ки вузӯ ҳам ба ҷои хеш бувад.

22. Агар дар ҷое аз бадан захме бошад ва аз он кирм берун ояд ва ё аз захми бадан гӯштпорае ҷудо гашта ба замин афтад, вале хун наояд, вузӯ намешиканад.

23. Шахсе раг зад (хун гирифт) ё донае (доначаҳое, ки дар пӯст мерӯянд, ба мисли пучак ва ғайра) дар баданаш кафид ва хун берун омад ва ё аз ягон ҷои баданаш хун ё чирку зардоб берун омад, вузӯяш мешиканад. Аммо агар хуни хориҷгашта ба андозае кам бошад, ки аз ҷои захм таҷовуз накунад, вузӯ намешиканад, вале агар як зарра ба атроф сироят кунад, вузӯ мешиканад.

24. Шахсе атса занад ва аз биниаш миқдоре хуни баста берун ояд, вузӯяш намешиканад, вале агар хуни ҷорӣ берун ояд, вузӯ мешиканад. Касе ангушт дар бинӣ намояд ва чун онро берун оварад, бар сари ангушташ хун бинад, вале он хун ба қадре бошад, ки ба ангушташ молида шуда, ҷорӣ нагардидааст, вузӯяш намешиканад.

25. Дар дохили пилки чашм донаи захме бошад, вақте онро кафонд ё худ кафида, обаш дар чашм рехт, дар сурате ки он об аз чашм берун ояд, вузӯ мешиканад ва агар берун наояд, вузӯ намешиканад. Ҳамчунин агар дар дохили гӯш ё бинӣ захме (обилае) бошад, дар сурати кафидани он обу чиркаш ба ҷое, ки шустани он дар ғусл фарз аст, расад, вузӯ мешиканад ва агар ба он мавзеъ нарасад, вузӯ намешиканад.

Бо берун омадани хун ва риму зардоб аз гӯш, чашм, бинӣ, пистон ва ноф вузӯ мешиканад, ҳарчанд дар онҳо зоҳиран захм ва иллате дида нашавад. Зеро онҳо табиатан дар натиҷаи иллате ба вуҷуд меоянд. Аммо берун омадани об аз онҳо вақте шиканандаи вузӯ аст, ки дар онҳо захме дида шавад ё дарде ҳис шавад. Ин матлаб каме баъдтар дар банди 33 бо тафсил баён мегардад.[1]

26. Пӯст (карахш)-и болои захмро бардошт ва дар зери он хун ё зардоб дида шуд, то вақте он хун ё зардоб аз ҷои худ сайалон (ҳаракат) накарда бошад, вузӯ бар ҳоли худ боқӣ мебошад, вале агар аз ҷои худ равон гардид ва ба беруни мавзеи захм расид, вузӯ мешиканад.

27. Агар аз захм кам-кам хун берун ояд, вақ-

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 286-306.

те бар рӯи он хок ва ё пахта бигузорад ва баъдтар мушоҳида намояд, ки хун ба ихтиёри худ аз ҷои захм таҷовуз кардааст, вузӯ мешиканад ва агар на, вузӯ низ намешиканад.

28. Шахсе дар оби даҳони худ хун бинад, вале хун ба қадре кам бошад, ки ранги оби даҳон ҳамчунон сафед боқӣ монда ва ё ба зардӣ моил гаштааст, вузӯяш намешиканад, вале агар хун аз об бештар ва ё ба он баробар бошад, ба гунае ки ранги оби даҳон ба сурхӣ моил гаштааст, вузӯ мешиканад.

29. Шахсе бо дандонаш чизеро бишиканад ва ё дандонашро хилол намояд ва бар он нишонаи хунро бинад, вале дар оби даҳон аслан асаре аз хун дида нашавад, вузӯяш намешиканад.

30. Золуе (шулук) хуни баданро бимакад ва ба андозае аз хун пур шавад, ки агар бикафад, хун ҷорӣ мешавад, вузӯ мешиканад, вале агар хуни макидаи он ба андозае кам бошад, ки чун бикафад, хуне ҷорӣ нагардад, дар ин сурат вузӯ низ намешиканад.

31. Агар пашша ё магас ва ё ҳашароте ба монанди онҳо аз бадан хун бимаканд, чун нисбат ба шулук хурдтар ҳастанд ва хуни камтаре memаканд, вузӯ намешиканад.

32. Агар аз бадани шахсе бо сӯзандору (шприс) ба андозае хун гирифта шавад, ки ба андозаи ҷоришавандагӣ бирасад, вузӯ мешиканад.

33. Агар гӯши касе дард кунад ва аз он об берун ояд, он об наҷис (нопок) аст, ҳарчанд захме ба назар нарасад. Аз ин рӯ, бо берун омадани он об, ба шарте аз ҷое, ки шустани он дар ғусл фарз аст, бигузарад, вузӯ мешиканад. Ҳамчунин, агар аз нофи дардманд ё аз чашме, ки сӯзиш ё хориш ва ё дард мекунад, обе берун ояд, вузӯ мешиканад, вале агар бедард ё безахм аз чашм об берун ояд, ин об шиканандаи вузӯ намебошад.

34. Агар истифроғ (қай) намояд ва дар он хӯрок ё оби тағйирнаёфта ва ғ. дида шавад, чун ба пурии даҳон бошад, вузӯ мешиканад, вале агар даҳон бо он пур нагардад, вузӯ ба ҳоли худ боқӣ мебошад. Дар ин ҷо пурии даҳон эътибор мешавад, на аз чӣ будани қай. Вале агар хун қай намояд, дар сурате ки он хуни соф бошад, хоҳ кам ва хоҳ бисёр, вузӯ мешиканад ва дар хуни софи қайшуда пурии даҳон шарт нест. Агар хун ғализ (ғафс, баста ва лахта-лахта) ва ба андозаи пурии даҳон бошад, вале қисмат-қисмат берун омада бошад, вузӯро ботил месозад ва чун миқдори қай аз он даҳонро пур насозад, вузӯ намешиканад.

35. Агар кам-кам истифроғ намояд, дар сурате ки ҳамаи он ҷамъ карда шавад, даҳон пур мегардад ва сабаби ҳама низ яке бошад, вузӯ мешиканад, Вале агар сабаби ҳамаашон яке набошад, вузӯ намешиканад. Мақсад аз сабаб ҳамон ҳолати таҳаввӯъ (беҳузурӣ)-и дил ва шӯридани он аст.

36. Шахсе дароз кашида, хоб равад ва ё бар чизе такя намуда, хоб равад, ба гунае ки агар он чиз (муттако) аз такяаш бардошта шавад, ба замин меафтад, вузӯяш мешиканад. Агар дар ҳолати қиём (ростӣ) ва ё қуъуд (нишаста) бихобад, вузӯяш намешиканад.

Агар дар саҷда бихобад ва намозгузор зан бошад, вузӯяш мешиканад, вале агар мард бошад ва саҷдаро ба таври маснун ба ҷой оварда бошад, вузӯяш намешиканад. Вале агар саҷдаро бар хилофи тарзи суннат ба ҷой оварда бошад, яъне узвҳои бадан дар ҳолати саҷда суст шуда, дар вай тағйироте ба вуҷуд омада бошад, вузӯ мешиканад.

37. Намозгузоре дар ҳолати қаъда (нишаст) хобаш барад, ба тавре ки ба болову поин ва ба ин тарафу он тараф биҷунбад, вале ба замин наафтад, вузӯяш намешиканад. Ҳамчунин агар ба замин афтад ва фавран чашмашро боз кунад, яъне бедор шавад, низ вузӯяш намешиканад, вале агар баъд аз афтодан пас аз чанд сонияе, яъне пас аз муддате чашмашро кушояд, вузӯяш мешиканад.

38. Агар шахси бовузӯ беҳуш гардад ва ё ба сабаби ҷунун (девонагӣ) ақлашро аз даст диҳад, вузӯяш мешиканад, муддати беҳушӣ ва беақлӣ, хоҳ кам бошад, хоҳ бисёр. Агар чизи нашъаовере истеъмол карда маст гардад, ба гунае ки дар рафтораш каҷӣ ва каловише дида шавад, вузӯяш мешиканад, вале агар каҷӣ ва каловише дар ӯ дида нашавад, вузӯяш намешиканад.

39. Шахсе дар намоз ба андозае сахт хандад, ки ҳам худаш ва ҳам намозгузорони ду тарафаш садои хандаашро бишунаванд, вузӯяш мешиканад ва намозаш низ фосид мегардад.[1]

[1] Дар бораи шикастани таҳорат аз хандаи бо қаҳқаҳа аҳодис ва осоре ривоят шуда, ки дар байни муҳаддисон дар бораи қувват ва заъфи онҳо ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аз ҷумла Табаронӣ аз Абумусои Ашъарӣ (рз) ривоят кардааст: ***«Дар асноe, ки расули Худо (с) бо***

Инро хандаи бо қаҳқаҳа гӯянд. Агар садои хандаашро танҳо худаш шунавад ва намозгузорони ҳамроҳаш онро нашунаванд, намозаш фосид мегардад, вале вузӯяш намешиканад. Ин хандаро зиҳқ гӯянд. Агар вақти ханда танҳо дандонҳояш намудор шаванд ва садое берун наояд, на вузӯяш мешиканад ва на намозаш фосид мегардад. Ин ханда ҳамон табассум бошад.

40. Хандаи бачаи хурдсол (ноболиғ) ҳарчанд бо қаҳқаҳа бошад ҳам, вузӯяшро намешиканад. Хандаи (бо қаҳқаҳаи) шахси болиғ низ дар намози ҷаноза ва саҷдаи тиловат шиканандаи вузӯ намебошад, зеро ин намозҳо дорои рукӯъ ва суҷуд нестанд.

41. Агар баъд аз вузӯ нохун гирад ва ё пӯсти болои захм (ҷароҳат)-ро бардорад, ба вузӯ ҳеҷ нуқсоне намерасад.

42. Бе зарурат ба аврат (шармгоҳ)-и худ нигоҳ кардан кароҳияти танзеҳӣ дорад ва дар зарурат ҷоиз аст, нигоҳ кардани зану шавҳар ба аврати якдигар низ дар зарурат ҷоиз аст, вале ба аврати дигаре ғайр аз он нигоҳ кардан ҳаром аст.

Дар танҳоӣ ва ҷои хилват бе ҳоил (макони пӯшидае) ғусл кардан кароҳияти танзеҳӣ дорад, вале ғуслаш дуруст мегардад. Дар ҷойҳои умумӣ бе ҳоил ғусл кардан гуноҳ аст. Назди машоихи мазҳаб бинобар таҳқиқе, ки Ибни Обидин дар ин масъала ба нақл аз Шарҳи Муня ва Ҳуля анҷом додааст, дар ҷойҳои умумӣ вақте ғуслгиранда ҷои пӯшида ва ё ҳоиле барои сатр кардани худ наёбад, ғуслро ба таъхир меандозад ва ин яке аз он мавридҳоест, ки таяммум барояш ҷоиз мегардад, вале ҳар намозе бо он таяммум гузорида бошад, онро пас аз ғусл иъода менамояд. Дар чунин ҳолат истинҷо бо об низ тарк карда мешавад. Пас аз он агар наҷосат дар мавзеи истинҷо аз қадри дирҳам камтар бошад, афв аст ва намозаш бо он дуруст мешавад ва дар бештар аз он дуруст намегардад.[1]

Падарбузург (ҷадд)-и Баҳз ибни Ҳаким мегӯяд, пурсидам: ***«Эй расули Худо (с), кадом аврати худро сатр ва кадомашро тарк намоем? Фармуд: Аврати худро ҳифз кун, магар аз ҳамсар ва милки яминат! Пурсидам: Агар мард ҳамроҳи мард бошад? Фармуд: Агар битавонӣ, ки онро касе набинад, чунин кун! Гуфтам: Мард (вақте) дар хилват бошад? Гуфт: Худо шоистатар аст, ки аз Ӯ ҳаё карда шавад!»***.[2] Дар ривояти дигаре омадааст, ки расули Худо (с) мардеро дид, ки бараҳна ғусл дорад, ба минбар омад ва фармуд: ***«Худо боҳаё ва сатрпӯш аст, ҳаё ва сатрро дӯст медорад. Пас вақте касе аз шумо ғусл кард, (худро) сатр кунад!».***[3]

43. Ҳар чизе, ки бо хориҷ гаштани он вузӯ мешиканад, он чиз наҷис (нопок) ҳам мебошад. Ва ҳар чизе, ки бо хориҷ гаштани он вузӯ намешиканад, пок аст, ба монанди миқдори каме аз хуни захму ҷароҳат, ки ҷорӣ нагардад ва дар сурате ки бо пахта ва ё порчае хушк сохта шавад, атрофи захм бо хун олуда намегардад. Агар ин хун ба либос ё бадан бирасад, наҷис (нопок ва бенамоз) намешавад.

44. Тифли ширхора агар шир қай кунад ва ба андозаи пурии даҳон бошад, он қай наҷис аст ва ба ҳар ҷо, ки бирасад, он ҷоро нопок гардонад ва бе шустани он намоз дуруст набошад, вале агар ба ин миқдор набошад, пок аст ва бе шустани он намоз дуруст аст.

мардум намоз мехонд, ногоҳ марди нобиное ворид шуд ва дар ҳуфрае, ки дар масҷид буд, афтод. Бисёре аз мардум, ки дар намоз буданд, хандиданд. Расули Худо (с) фармуд, касе хандида бошад, таҳорат ва намозашро иъода намояд». Гарчанде дар санади баъзе аҳодис ва шавоҳиди он навъе заъф вуҷуд дошта бошад ҳам, вале онҳо дар маҷмӯъ якдигарро тақвият менамоянд ва асли мавзӯъ аз онҳо собит мешавад (Умдату-р-риъоя ъало Шарҳи-л-виқоя. – Ҷ. 1. – С. 336, 337; Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 1. – С. 132-138).

Гуфтанист, ки назди ҷумҳури фақеҳон аз хандаи боқаҳқаҳа таҳорат намешиканад, вале намоз бо иттифоқи ҳамаи онҳо фосид мешавад.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 318-319. Дар масъалаи ба таъхир андохтани ғусл дар ҳолати мазкур назари уламо мухталиф аст. Назди баъзе аз онҳо вақте мард дар байни мардон ё зан дар байни занон бошад, ғусл мекунанд, зеро гуноҳи нигоҳ кардани ҷинс ба аврати ҷинси худ сабуктар аз гуноҳи назар кардан ба аврати ҷинси дигар аст ва ғусл, ки бар шахс фарз гашта, ба он сабаб тарк карда намешавад. Аммо агар мард дар байни мардон ва занон ё зан дар байни мардон ва занон бошад, ғуслро ба таъхир меандозанд. Ҳамчунин дар масъалаи намозе, ки бо ин таяммум гузорида мешавад, назди фақеҳони мазҳаб ду назар вуҷуд дорад, яке иъодаи он пас аз ғусл кардан аст, ҳамон гуна ки дар матн зикр шуда ва дигаре ҷавоз ва иъода накардани он аст, зеро дар ин ҳолат узр ва монеи шаръӣ ба вуҷуд омадааст. Ин қавл ва назари Раҳматӣ – яке аз фуқаҳои ҳанафӣ дар ин масъала аст.

[2] Сунани Абудовуд, 4017; Сунани Тирмизӣ, 2769, 2794. Бухорӣ низ онро дар таълиқи ҳадиси 278 бо сиғаи ҷазм ривоят кардааст.

[3] Сунани Абудовуд, 4012; Фатҳу-л-борӣ. Ҷ. 1. – С. 654.

45. Шахсеро вузӯ гирифтан ба ёдаш бошад, аммо дар шикастани он шак кунад, вузӯяш боқист ва намозаш дуруст мебошад, вале дубора вузӯ гирифтан беҳтар аст. Вале агар дар шикастани вузӯ ба шубҳа афтод ва ҷониби шикастан ба гумонаш ғолиб омад, вузӯяш шикаста ба шумор меравад ва бо он вузӯ намозаш дуруст намебошад.

46. Агар дар аснои вузӯ гирифтан ба шубҳа афтод, ки фалон узвро шустааст ё не, узверо, ки дар шустани он ба шак омадааст, дубора бишӯяд, вале агар ин шак баъд аз вузӯ пеш омада бошад, ҳеҷ нигарон набошад, вузӯи вай комил аст. Аммо агар ба нашустани узве яқин ҳосил шавад, шустани он узв ҳатман лозим аст.

47. Қироат (хондан)-и Қуръон аз рӯи ҳифз (ёд) бе вузӯ ҷоиз аст. Мисос кардан ва қапидани Қуръон бе вузӯ дуруст нест. Агар Қуръони маҷидро боз карда, бе даст расонидан ба он, аз рӯи он тиловат намояд, боке надорад. Агар Қуръонро бо порчае, ки аз он ҷудост, гирифта, тиловат намояд, ҷоиз бошад. Даст расонидан ба чизе ва ё зарфе, ки бар он Қуръон навишта шудааст, бевузӯ ҷоиз нест.

48. Ҳангоми вузӯ гирифтан рӯ ба қибла дар макони баланде биистад, то қатраҳои оби истифодашуда аз замин пошида, ба либос ё баданаш нарасанд.

НАВЪҲОИ ВУЗӮ

Гоҳе барои шахси бетаҳорат вузӯ гирифтан фарз мебошад, гоҳе воҷиб ва гоҳе мустаҳаб аст.

Барои анҷом додани яке аз чаҳор кори зерин вузӯ гирифтан барои шахси бетаҳорат фарз мебошад:

1. Барои гузоридани намоз, чи фарз бошад ва чи нафл.

2. Барои хондани намози ҷаноза.

3. Барои ба ҷо овардани саҷдаи тиловат.

4. Барои мисос кардан ва қапидани Қуръони маҷид.

Ҳамчунин барои даст расонидан ва қапидани оятҳои Қуръон, ки бар девор ё бар қоғаз ва ё бар сиккаву (пулҳои филиззӣ) дирҳаме навишта шудаанд, вузӯ гирифтан фарз мебошад, яъне бе вузӯ анҷом додани ин корҳо мамнӯъ аст.

Ва дар як маврид вузӯ гирифтан барои шахси бетаҳорат воҷиб мебошад ва он ҳам дар айёми ҳаҷ барои тавофи хонаи Каъба.

Мавридҳои дигаре низ ҳастанд, ки вузӯ гирифтан дар онҳо бар банда фарзу воҷиб ҳам набошад, вале хуб аст. Инак, ба муҳимтарини онҳо ишора менамоем:

1. Барои зикри Худо намудан ва Худоро ёд кардан.
2. Пеш аз хоб ва пои ба таҳорат ба хоб рафтан.
3. Барои шахси ҷунуб вақте қасди хӯрдан, ошомидан, хобидан ва ё наздикии дубора намояд.
4. Пеш аз ғусл вузӯ гирифтан.
5. Барои ҳар намоз, вақте ҳанӯз вузӯ дошта бошад.
6. Пас аз шикастани ҳар вузӯ, ҳарчанд ҳанӯз вақти намози баъдӣ надаромада бошад.
7. Барои ғусл додани мурда.
8. Барои бардоштани ҷаноза (тобут).
9. Барои пайваста вузӯ доштан, пас аз шикастани ҳар вузӯе дарҳол вузӯ гирифтан.
10. Барои азону қомат.
11. Барои фурӯ нишондани хашму ғазаб.
12. Барои шустани осори гуноҳ ва лағжиши содиргашта, аз қабили ғайбат, суханчинӣ, дурӯғгӯӣ ва ғайра.
13. Барои вуқуф дар Арафот.
14. Барои саъй дар байни Сафо ва Марва.

Ва мавридҳои дигаре низ ҳастанд, ки вузӯ гирифтан дар онҳо хуб ва мустаҳаб мебошад ва ҳама аз роҳнамоиҳо, афъол ва суханони расули Худо (с) бардошт шудаанд.

Фасли дуввум

ҒУСЛ

Ғусл низ бар асоси ояти Қуръон ва суннати паёмбар (с) фарз гардидааст. Худованд дар ояти шашуми сураи Моида пас аз баёни фарзияти вузӯ дар бораи ғусл мефармояд:

وَإِن كُنتُمْ جُنُبًا فَٱطَّهَّرُوا۟

«Ва агар шумо нопок ва ҷунуб бошед, пас худро хуб пок созед».[1] Ва дар ояти 43 сураи Нисо мефармояд:

وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِى سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغْتَسِلُوا۟

«Ва ба намоз наздик нашавед ... ва вақте ҷунуб бошед, то он ки ғусл намоед, магар ин ки роҳгузар бошед».

Паёмбари акрам (с) мефармояд: **«*Вақте маҳалли хатнаи мард аз маҳалли хатнаи зан гузашт, ғусл воҷиб мегардад»***.[2]

ТАРИҚАИ ҒУСЛ КАРДАН

Бинобар дастуроти амалии дин (шариат)-и муқаддаси ислом ғуслгиранда бояд дар ибтидо ҳар ду дасти худро то банди дастонаш бишӯяд. Он гоҳ истинҷо намуда, агар бар баданаш наҷосате бошад, онро дур созад (бишӯяд). Пас аз он мисли вузӯи намоз таҳорат кунад. Вале агар ғуслгоҳ ба тавре бошад, ки оби мустаъмал дар он ҷамъ мегардад, дар ин сурат ҳар ду пойи худро на дар вузӯ, балки пас аз ғусл, ҳангоми берун рафтан аз он ҷо бишӯяд.

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст: ***«Паёмбар (с) ҳангоми ғусли ҷанобат аввал дастҳояшро мешуст. Пас аз он бо дасти росташ бар тарафи чапаш об мерехт ва шармгоҳашро мешуст. Он гоҳ ба мисли вузӯи намоз таҳорат мекард ва об бармедошт ва бо ангуштонаш байни мӯйҳои сарашро хилол мекард, то хуб мутмаин мегашт, ки об ба бехи мӯйҳо (ва ба пӯсти сараш) расидааст. Сипас се каф об бар сараш мерехт. Пас аз он бар тамоми баданаш об мерехт ва дар охир пойҳояшро мешуст»***.[3]

Бо истинод ба маҷмӯи аҳодисе, ки дар боби ғусл аз расули Худо (с) ривоят шуда, назди ҷумҳури аҳли суннат аввал шустани шармгоҳ ва ҷои олуда ба наҷосат (манӣ), пас аз он таҳорат кардан дар ғусли ҷанобат маснун аст ва ин вузӯро вузӯи пеш аз ғусл мегӯянд.

Агар пеш аз ғусл таҳорат накунад ва ба вақти ғусл чун узвҳои вузӯро дар он мешӯяд, вузӯ ва ғусл ҳар ду барояш ҳосил мешаванд ва инро вузӯи ҳамроҳи ғусл ва ё дар дохили ғусл мегӯянд, зеро рафъи ҳадаси акбар (ҷанобат) ҳадаси асғар (бетаҳоратӣ)-ро низ бартараф месозад. Дар ин сурат масҳи сар, ки яке аз фарзҳои вузӯ мебошад, бо шустани сар дар ғусл соқит мегардад ва он дигар зарурат надорад, зеро ғасл (шустан) ҷойнишини он мегардад.

Аммо пас аз ғусл вақте вузӯи ҳамроҳи он нашикаста бошад, таҳорат кардан зарурате надорад ва бар он иҷмоъ аст. Аз Оиша (рз) ривоят шуда, ки ***«паёмбар (с) пас аз ғусл таҳорат намекард»***.[4]

---

[1] Сураи Моида, 5:6.

[2] Сунани Тирмизӣ, 108, 109; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1176, 1177, 1184. Ҷ. 3. – С. 452, 453, 457; Муснади имом Аҳмад, 20593. Ҷ. 6. – С. 133, 24516. Ҷ. 7. – С. 195, 24753. Ҷ. 7. – С. 231. Дар ривоятҳои дигар омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте ду хитон (хатнагоҳ) ба ҳам расиданд ва ҳашафа гоиб гашт, ғусл воҷиб мегардад»*** (Саҳеҳи Муслим, 783; Сунани Абудовуд, 216; Сунани Ибни Моҷа, 608, 611; Муваттаи имом Молик, 101. Ҷ. 1. – С. 45). Ин ривоят аз баъзе роҳҳо бо изофаи: ***«Инзол шавад ё не»*** низ омадааст. (Сунани Куброи Байҳақӣ, 788, Ҷ. 1. – С. 276; Муъҷаму-л-авсат, 4489. Ҷ. 5. – С. 44).

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 245, 269; Саҳеҳи Муслим, 716; Сунани Абудовуд, 242; Сунани Насоӣ, 245, 247; Сунани Куброи Насоӣ, 244; Муснади имом Аҳмад, 23736. Ҷ. 7. – С. 79.

[4] Сунани Абудовуд, 250; Сунани Тирмизӣ, 107.

МӮҶИБОТИ ҒУСЛ

Дар мавридҳои зерин ғусл фарз мегардад:

1. Ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) кардан, ҳарчанд инзол ҳам нашавад.

2. Аз хоб бедор шуда, дар либос ва ё бадани худ манӣ (сперма) ё мазӣ (оби тунуктар қабл аз манӣ) ва ё тариеро мушоҳида кардан, чи мард ва чи зан. Зеро он ҳамон мание мебошад, ки дар ҳарорати бадан тунуктар гардидааст. Ин дар сурате аст, ки ба эҳтилом шуданаш яқин дошта бошад, вале агар чизе дар хотираш набошад, танҳо бо дидани манӣ дар бадан ва ё либосаш ғусл менамояд. Дар ин ҳолат мазӣ ва тарӣ мӯҷиби ғусл намебошад.

3. Хориҷ шудани манӣ бо ҷаҳиш ва шаҳват.

4. Қатъ шудани ҳайз (хунбинии моҳонаи занон) ё нифос (хунбинӣ пас аз вазъи ҳамл) барои занон.

Илова бар он ғусли воҷибӣ, ғусл намудан дар рӯзҳои ҷумъа, иди Фитр, иди Қурбон, ҳангоми бастани эҳром ва вуқуф дар Арафа суннат аст. Ғусл дар ин рӯзҳо барои покизагӣ мебошад.

Ғусл аз панҷ чиз фарз шавад,
Бар зану мард ҳамчу қарз шавад![1]
Ҷун шавад пок зан зи ҳайзу нифос,
Ғусл воҷиб шавад ба шаръу қиёс.

Мардро чун закар чунон гардад,
Ки дар андоми зан ниҳон гардад,

Ғусл воҷиб шавад аз ин ҳолаш,
Гарчи з-ин ҳол нест инзолаш.

Ғусл воҷиб кунад ҷанобат ҳам,
Бар зану мард, эй мадори карам!

ИСТИФОДА АЗ ҒИЛОФАК

Мӯҷиботи ғусл аслан се чиз мебошанд. **а)** Алоқаи ҷинсӣ кардан. Дар ин сурат, ҳамин ки миқдори ҳашафаи мард ба фарҷи зан дохил гардид, ғусл бар онҳо воҷиб мегардад, ҳарчанд инзол ҳам нашуда бошанд. **б)** Хориҷ шудани манӣ бо шаҳват ва (назди имом Абуюсуф) ҷаҳиш. Ин вазъ дар ҳолати эҳтилом ва истимнои бо даст низ ба вуҷуд меояд. **в)** Ба поён расидани ҳайз ё нифоси зан.

Бинобар ин, агар марду зане бо истифода аз василаҳои пешгирикунандаи манъи бордорӣ, ба монанди ғилофакҳо (презерватив)[2] алоқаи ҷинсӣ намоянд, бар онҳо ғусли ҷанобат воҷиб мегардад. Зеро шаҳват (лаззати ҷинсӣ) ва ҷаҳиш дар он тақрибан ба сурати табиӣ эҳсос мешавад. Ҳамчунин агар мард олати худро бо порчае печида бо ҳамсараш алоқаи ҷинсӣ намояд ва ба сабаби тунук будани порча эҳсоси лаззати ҷинсӣ кунанд, ба мисли муҷомаати табиӣ бо ворид шудани ҳашафа, ҳарчанд инзол ҳам нашуда бошанд, ғусл бар онҳо воҷиб мегардад. Дар сурате ки эҳсоси ҳарорат ва лаззати ҷинсӣ накунанд, бино бар қавли саҳеҳ то инзол нашаванд, ғусл бар онҳо воҷиб намегардад, вале аз боби эҳтиёт дар ин ҳолат низ ғусл бар онҳо воҷиб аст.[3]

Бар ҳамин асос, агар оби мании шавҳарро ба василаи сӯзандору (шпритс) ё дигар таҷҳизоти тиббӣ, бе анҷоми амали заношавҳарӣ ба раҳм (бачадон)-и зан расонанд, бар вай ғусл воҷиб намешавад. Зеро дар он ҳеҷ яке аз ду мӯҷиби ғусл – ғоиб шудани ҳашафа ва ё хуруҷи манӣ бо ҷаҳиш ва шаҳват сурат нагирифтааст.

ФАРЗҲОИ ҒУСЛ

Дар ғусл се фарз вуҷуд дорад: 1. Шустани даҳон (мазмаза), 2. кашидани об ба дохили бинӣ ва шустани он (истиншоқ), 3. шустани тамоми бадан.

Ҳар кӣ бо донишу тамиз бувад,
Фарз дар ғусли ӯ се чиз бувад.

Об дар бинию даҳон кардан,
Бар ҳама узви худ равон кардан.

[1] Дар байти аввал мӯҷиботи ғуслро панҷ чиз гуфта, вале чӣ тавре дар байтҳои баъдӣ мебинем, онҳо чаҳор чиз ҳастанд. Мусанниф шояд гум шудани айёмро барои зани ҳоиз, ки дар мисраъҳои зерин омадааст, яке аз мӯҷиботи ғусл дониста бошад:

Ҳар занеро, ки гум шавад айём,
Ғусл бояд ба ҳар намоз мудом.

[2] Ин василаи манъи ҳамлро ба забони тоҷикӣ имрӯзҳо рифола низ мегӯянд.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 334.

СУННАТҲОИ ҒУСЛ

Суннатҳои ғусл иборатанд аз:
1. Шустани дастҳо.
2. Шустани шармгоҳ (узвҳои зери ноф).
3. Дур сохтани наҷосат аз бадан.
4. Вузӯ гирифтан (ба ғайри шустани пойҳо).
5. Се бор расонидани об ба тамоми бадан.
6. Шустани пойҳо.
7. Далк – шакидан ва молиш додани узвҳо.

Суннати ғусл ҷумлагӣ панҷ аст,
Ёд гираш, ки беҳтар аз ганҷ аст!

Шустани дасту фарҷ бояд пеш,
Дур кардани наҷосат аз тани хеш.

Пас вузӯ сохтан зи баҳри Худо,
Шустани тан се бор сар то по.

Заноне, ки мӯи бофта – кокул ё тобида доранд, дар вақти ғусл шикофтан – бозкардани он барояшон зарур нест, балки расонидани об ба бехи он – таги сар кифоя аст. Вале агар мӯйҳояшон кушода – дарози бофтанашуда бошанд, пас шустани онҳо низ барои дуруст гардидани ғусл воҷиб аст, ҳамон гуна ки бояд ба бехи он низ об расонанд. Аз Уммисалама (рз) ривоят шуда, ки пурсидам: Эй расули Худо (с), ман гесувони худро мебандам (мебофам ё метобам), оё онҳоро барои ғусли ҷанобат боз кунам? Фармуд: ***«Не, кифоя аст, ки бар сарат се мушт об бирезӣ, он гоҳ бар дигар узвҳои баданат обро равон созӣ ва бо ҳамин пок мегардӣ!»***.[1]

Он заноне, ки мӯйро бофанд,
Шояд он мӯйро набишкофанд.

Дар таги мӯ чу обро ронанд,
Бофта хушк ҳамчунон монанд.

АҲКОМИ ҒУСЛ

Шахсеро, ки бар вай ғусл воҷиб шудааст, дар истилоҳи уламои фиқҳ ҷунуб мегӯянд.

Барои шахси ҷунуб анҷом додани корҳои зерин ҷоиз нест:

1. Ламс кардан ва қапидани Қуръони карим, агар ғилоф надошта бошад.

2. Қироати Қуръони карим, чӣ аз рӯи мусҳаф (китоби Қуръон) ва чӣ аз ёд.

3. Дохил шудан ба масҷид, вале агар зарурате пеш ояд, дар он ҳол метавонад дохил шавад.

Ҳоиз (ҳайзбинанда) ва нуфасо (нифосбинанда) ҳам дар ин корҳо ҳукми ҷунубро доранд.

Дар бахшҳои оянда дар бораи ҳукми ҳоиз ва нуфасо ба тафсил сухан хоҳем гуфт, вале ба таври мухтасар шарҳаш ба ин тартиб аст:

Ҳоиз занест, ки ҳайз мебинад ва ҳайз хунест, ки аз раҳм (бачадон, заҳдон)-и занҳои ба синни балоғат расида берун меояд.

Нуфасо занест, ки нифос мебинад ва нифос хунест, ки пас аз таваллуди тифл аз раҳми модар хориҷ мешавад.

ТАЗАККУРИ ЗАРУРӢ ДАР БОРАИ МӮҶИБОТИ ҒУСЛ

1. Обе, ки аз андоми ниҳонии мард ё зан берун меояд, бар се қисм аст: 1. мазӣ; 2. вадӣ; 3. манӣ. Мазӣ обест, ки вақти шӯхию дастбозӣ бо зан ё ҳангоми ба фикри қаробат (наздикӣ) афтодан, берун меояд. Ҳукми ин навъ об он аст, ки вузӯ мешиканад, вале ғусл воҷиб намегардад. Вадӣ обест, ки пас аз идрор (пешоб) аз ҷиҳати сустии асабҳо берун меояд. Ҳукми он низ ба монанди мазӣ аст. Манӣ обест, ки дар вақти ҷимоъ (наздикии ҷинсӣ) ё нигоҳи бо шаҳват бо ҷасти ҳамроҳ бо эҳсоси лаззат берун меояд. Ҳукми манӣ он аст, ки ғуслро воҷиб мегардонад.

Дар бораи пок ё нопок будани оби манӣ назди ҷумҳури аҳли суннат ду қавл ва назари фиқҳӣ вуҷуд дорад. Зеро дар аҳодисе, ки дар мавриди манӣ собит шудаанд, ба пок будани он бо сароҳат ишорае нашуда, балки дар онҳо ба баёни тариқаи поксозии он аз либос пардохта шудааст ва масъалаи пок будани манӣ назди баъзе муҷтаҳидон ба тариқи иҷтиҳод аз мафҳуми зимнии ин аҳодис собит шудааст. Аз назари саҳобагоне, ба монанди Алӣ (рз), Ибни Умар (рз), Ибни Аббос (рз) ва Оиша (рз) ва ҳамин тавр назди Довуди Зоҳирӣ (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) дар саҳеҳтарин ривоят аз

[1] Саҳеҳи Муслим, 330; Сунани Абудовуд, 251; Сунани Тирмизӣ, 105.

ӯ бо истинод бар ин аҳодис манӣ пок аст. Он дар назди аҳли ҳадис ҳам пок аст, зеро бар асоси ривоятҳои саҳеҳ пас аз шакидан, тарошидан бо чӯб ва дур кардани айнаш аз либоси олуда ба он дар он либос намоз гузорида мешавад, дар сурате ки агар он нопок бошад, бояд ҷуз бо шустан пок нагардад ва ин назди онҳо далел бар покии он аст. Аммо назди имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ), Лайс ибни Саъд (рҳ), Суфёни Саврӣ (рҳ), имом Авзоъӣ (рҳ) ва дигарон манӣ нопок аст ва он чи дар он ривоятҳо омадааст, тариқаи поксозии онро баён мекунад, на далели пок будани онро ва он бар асоси қоидаи куллӣ дар фазалот ва аксари таровишоте, ки аз бадан хориҷ мешаванд, ба мисли бавл, рим, хун ва ғ. нопок (наҷис) аст.[1]

2. Агар шахсе дар хоб эҳтилом (ҷунуб) шавад ва чун бедор гардад, дар ҳеҷ ҷои худ асаре аз оби манӣ набинад, ғусл бар вай воҷиб намегардад. Аммо агар дар либос ва ё дар баданаш оби манӣ дида шавад, ғусл бар вай воҷиб мегардад. Агар дар хоб эҳтилом нашавад (чизе дар хоб набинад), вале пас аз бедор шудан дар либос ва ё бадани худ оби манӣ бинад, ғусл бар вай воҷиб мегардад.

3. Агар манӣ берун омад ва ғусл гирифт, вале пас аз ғусл боз манӣ берун омад, барои бори дуввум ғусл бар ӯ воҷиб мегардад, ба шарте ки ин ҳодиса пеш аз идрор (пешоб кардан) ё хоб ва ё миқдоре роҳ рафтан ба вуқӯъ бипайвандад. Зеро он бозмондаҳои ҳамон мании пешина аст ва бо берун шудани он ғусл воҷиб мегардад.[2] Вале агар пас аз пешоб, миқдоре роҳ рафтан, ҳаракат кардан ва ғайра хориҷ шавад ва бе ҷаҳиш ва эҳсоси лаззат бошад, он бо сабаби дигаре хориҷ гардида, ғуслеро воҷиб намегардонад.

4. Агар аз андоми зан пас аз ғусл мании шавҳар бирезад, ғусли дуюмбора бар вай воҷиб намегардад.

5. Агар бар асари дард (беморӣ), зарба хӯрдан, бардоштани бори вазнин ва ё иллати дигаре оби манӣ хориҷ шавад ва бе ҷаҳиш ва эҳсоси лаззат бошад, дар ин сурат ғусл воҷиб намегардад.[3]

6. Агар марду зан ҳар ду якҷоя хобиданд ва бе он ки бо ҳам наздикӣ карда бошанд баъд аз бедор шудан бар либоси яке аз онҳо ва ё дар рахти хобашон манӣ дида шавад, аз гӯшаи эҳтиёт ҳар ду ғусл бигиранд, зеро маълум нест, ки он об аз кадоми онҳост. Вале агар аз кадоми онҳо буданаш бо ранги он ва ё нишонаи дигаре маълум шавад, пас ғусл бар он касе воҷиб мегардад, ки аз ӯ буданаш собит шудааст. Ҳамчунин агар аз кӣ буданашро аниқ карда натавонанд, дар ҳоле ки шахси дигаре пеш аз онҳо бар он рахти хоб хобида ва манӣ ҳам хушкида бошад, дар он сурат бар ҳеҷ кадоми онҳо ғусл воҷиб намегардад.

7. Агар кофире мусулмон гардад, барои вай ғусл мустаҳаб аст, ба шарте ки пеш аз ислом оварданаш ғусл бар вай бо ҷанобат ва ё бо ҳайзу нифос воҷиб нагашта бошад. Аммо агар пеш аз ислом оварданаш ғусл бар вай воҷиб гашта бошад, дар он сурат ғусл бар вай воҷиб аст.

8. Шахсе, ки ғусл бар вай воҷиб шудааст, агар бихоҳад пеш аз ғусл чизе бихӯрад ва ё бинӯшад, беҳтар (мустаҳаб) аст дасту даҳони худро бишӯяд. Агар ношуста хӯрад ё ошомад, низ гуноҳе надорад.

9. Хондани Қуръон, мисоси (қапидан) он ва дохил шудан ба масҷид бар шахсе, ки ғусл бар вай воҷиб шудааст, ҳаром аст. Албатта, ба забон овардани номи Худо, дуруд фиристодан, калима гуфтан ва ҳамин тавр нигоҳ кардан ба Қуръон ҷоиз аст.

10. Мисос намудани китобҳои тафсир, тарҷимаи Қуръон ва китобҳои суннат ва фиқҳ барои шахси ҷунуб бе ғусл макрӯҳ ва барои шахси бе вузӯ низ макрӯҳ аст, вале мисоси онҳо бо остин ё гӯшае аз либос ҷоиз аст. Мисоси ғайри одӣ онҳо бе вузӯ боке надорад.[4]

---

[1] Туҳфату-л-аҳвазӣ, шарҳу Сунани-т-Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 392-395: Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 338-343.

[2] Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) ғусл бо ҷудо шудани манӣ аз ҷои пайдоиши худ дар бадан воҷиб мегардад, вале вуҷуби он пас аз хуруҷи он аз закари мард ва фарҷи дохили зан собит мешавад. Пешоб кардан, роҳ рафтан, хобидан ба паҳлӯ ва ғ. боқимондаҳои маниро пас аз баровардани шаҳват аз бадан берун менамоянд. Бинобар ин, вақте пеш аз корҳои мазкур ғусл намояд ва пас аз он мание аз узви таносулиаш хориҷ шавад, он идомаи ҳамон шаҳвати қаблӣ ба шумор рафта ва пас аз хуруҷи он ғусл дубора бар вай воҷиб мегардад. Бар ҳамин асос агар пас аз ҷудо шудани манӣ бо шаҳват аз ҷои пайдоиши худ дар бадан он аз узви таносулиаш хориҷ нашавад, ба ин сурат ки дар қасабаи закар ва ё фарҷи дохил боқӣ монад, ғусле бар вай воҷиб намегардад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 325, 326).

[3] Дар ин сурат, ба мисли хуруҷи мазӣ ва пешоб, танҳо вузӯ мегирад.

[4] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 114 – 115; Табйинулҳақо-

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Дар вақти ғусл кардан бояд рӯи худро ба ҷониби қибла нагардонад. Дар об исроф нанамояд. Дар ҷое ғусл кунад, ки касе ӯро набинад. Дар вақти ғусл кардан сухан нагӯяд. Баъд аз ғусл бадани худро хушк намуда, он гоҳ дар пӯшидани либосҳояш шитоб кунад.

2. Агар дар ҷое ғусл намояд, ки касе ӯро намебинад, бе ҳоил (макони пӯшида) ғусл кардан дуруст аст, вале бо ҳоил беҳтар аст.

3. Ният дар ғусл воҷиб нест, вақте се фарзи ғуслро ба ҷой оварад, ғусл комил мегардад, хоҳ нияти ғусл карда бошад, хоҳ не.

4. Агар ҷое аз бадан ба андозаи сари сӯзане хушк бимонад ё мазмаза ва истиншоқро фаромуш кунад, ғусл дуруст намегардад.

5. Агар пас аз ғусл ба ёдаш омад, ки фалон ҷой хушк мондааст, дубора ғусл кардан лозим намебошад, балки ҳамон ҷои хушкмондаро бишӯяд ва молидани он ҷой бо дасти тар кифоят намекунад. Ҳамчунин агар мазмаза ва ё истиншоқро фаромуш кунад, аз нав ғусл гирифтан лозим намеояд, балки фақат ҳамон мазмаза ва истиншоқро анҷом диҳад, бо ҳамин ғусл дуруст мегардад.

6. Агар аз сабаби дарде расонидани об бар сар зарар расонад, сарро тар карда, бақияи баданашро бишӯяд, вале пас аз шифо ёфтан шустани сар зарур аст.

7. Агар ғуслгиранда мард бошад, дар сурате ки мӯи сари худро дароз гузошта ва онро бофта бошад, вақти ғусл боз кардани мӯйҳо барояш лозим аст. Агар ғуслгиранда зан бошад, дар сурати тар шудани бехи мӯйҳо (расидани об ба бехи онҳо) кушодани онҳо лозим нест, вале агар бехи мӯйҳо тар нашавад, ӯ низ бояд мӯйҳои худро бикушояд.

8. Агар ангуштарӣ ё гӯшвора ё соат ва ғайра тавре ҳастанд, ки дар вақти вузӯ ва ғусл худ мечарханд ва об ба зери онҳо мерасад, дигар чархонидани онҳо зарурат надорад, вале агар худ ба худ намечарханд, зарур аст чархонида шаванд, то об ба қисмати зери онҳо бирасад.

9. Агар ба нохун хамир ё гил (лой) ва ё семент часпида бошад ва аз расидани об ба зери он монеъ шавад, ғусл дуруст намегардад. Бояд нохун аз онҳо пок сохта шавад ва пас аз он шуста шавад. Пеш аз ин, агар намозе хонда бошад, бояд онро иъода намояд. Ҳукми лаки пушти нохун низ ҳамин аст.

10. Агар даст ё пойи кафидаро бо равған, мум ва ғайра пур намуда бошад, ҷорӣ сохтани об ба болои онҳо кифоят менамояд.

11. Расондани об ба сӯрохи гӯш ва ноф зарурӣ аст. Агар об ба сӯрохи гӯш ё ноф нарасад, ғусл дуруст намегардад.

12. Агар дар вақти ғусл мазмаза накарда, об нӯшад, ба тавре ки ба ҳамаи даҳон об расад, ғусл дуруст мегардад.

13. Агар ба мӯйҳо ё дасту пой ва ё боқии бадан равған молида шуда бошад, ба тавре ки об дар онҳо қарор намегирад, ғусл дуруст мегардад.

14. Агар дар миёни дандонҳо пораи гӯшт, нон ва ғайра монда бошад ва аз расидани об ба он ҷой монеъ гардад, ғусл дуруст намегардад.

15. Агар бар дандонҳои солим рӯкаши тило ва ғайра гузошта шавад, дар сурати нарасидани об ба зери онҳо ғусл дуруст намегардад, вале агар дандон пӯсида ва дардманд бошад ва бо тавсияи табиб пур ва ё рӯкаш шуда бошад ва дигар имкони ҷудо карданаш дар вақти ғусл набошад, расонидани об ба болояшон кифоя мекунад.

Чӣ тавре аз ривоятҳои расида ва фатвоҳои бузургони дин бармеояд, пур (пломба) кардани дандонҳои пӯсида, кирмхӯрда ва сӯрохгашта шаръан ҷоиз мебошад ва ҳамчунин, дандон гузоштан низ на танҳо боке надорад, балки барои ҳифзи саломатӣ ва зебоии шахс зарур мебошад. Вақте шахсе бо дарназардошти чунин зарурате дандон гузошта бошад ва ё дандонҳояшро пур карда бошад, он ба манзалаи дандони аслӣ мебошад ва дар ғуслу вузӯ бо расонидани об пок мегардад.

Дандонҳои гузошташудаи сунъӣ ё ба таври доимӣ ба силки дандонҳо пайваст карда мешаванд ва ё ба сурати маҷмӯае сохта мешаванд ва ҳар вақте шахс бихоҳад, онро мегирад ва мегузорад. Дар сурати дуюм расонидани об ба зери онҳо дар ғусл воҷиб мебошад ва дар сурати аввал расонидани об ба болои онҳо кифоя мекунад.

Дар ҳолате ки дандонҳои сунъӣ ба силки дандонҳо ба таври доимӣ пайваст карда мешаванд, ҳатман, онҳоро ба дандонҳои ду тараф устувор

ик. – Ҷ. 1. – С. 165–167; Фатовои Оламгирия. – Ҷ. 1.–43.

менамоянд. Дар ин сурат рӯкаш намудан ва пӯшонидани дандонҳои солими ду тараф ба ҳайси пойгоҳи дандонҳои сунъӣ боке надорад, зеро бе он пайвасти дандонҳои сунъӣ имкон надорад ва дар вақти ғусл расонидани об ба болои онҳо низ кифоя аст.

Вале агар бе ҳеҷ зарурате дандонҳои солим барои зебоӣ ва мӯди рӯз бо чизе рӯкаш карда шаванд, дар ин ҳолат то об ба зери онҳо нарасад, ғусл дуруст намегардад.[1]

Ҳукми узвҳои сунъӣ низ ба монанди дандонҳои сунъӣ мебошад. Вақте шахсе аз узви сунъӣ, ба монанди даст, пой ва ғайра бо пайванди доимӣ истифода намояд, онро дар ҳолати ғусл бояд бишӯяд ва агар аз узвҳои вузӯ бошад, шустани он дар вақти вузӯ низ воҷиб мебошад, зеро он ба ҷои узви ҳақиқӣ қарор гирифтааст. Вале агар он узви сунъӣ ҷудошаванда бошад, дар вақти ғусл ҷудо кардан ва шустани ҷои он воҷиб мебошад.[2]

Узви сунъӣ вақте ин ҳукмро мегирад, ки ба ҷои қисмате аз узви шусташаванда дар ғуслу вузӯ насб (коргузорӣ) шуда бошад, зеро агар ин узвҳо комилан қатъ шуда бошанд, дар он сурат ҳукми шустани онҳо низ соқит мегардад ва он ба узви сунъӣ интиқол намеёбад. Мас., агар даст ва ё пои касе, ки аз ҷумлаи узвҳои шусташаванда дар вузӯ ба шумор мераванд, аз оринҷ ва буҷул қатъ шуда бошанд, ҳукми шустани онҳо дар вузӯ соқит мегардад. Зеро бо аз байн рафтани ҷои иҷрои ҳукм анҷоми он ҳукм аз эътибор соқит мешавад. Пас шустани узви сунъие, ки ба ҷои узви комил насб шудааст, дар вузӯ ва ғусл заруврат надорад, вале агар ба ҷои қисмате аз узв насб шуда бошад, ҳукми дандонҳои сунъиро мегирад ва шустани он дар ғуслу вузӯ воҷиб мебошад.

16. Заноне, ки дар вақти арӯсӣ ва ё дигар муносибатҳо равған ё сурхӣ (ранг) ва ӯсмаи часпдор бар сару рӯй ва лабу нохун мезананд ва дар вақти ғусл ё вузӯ онҳоро пок насохта, ҳамон тавр обро бар рӯи онҳо ҷорӣ месозанд, вузӯ ва ғуслашон дуруст намешавад.

17. Шахсе, ки дарди чашм дорад ва чашмаш чирк гирифтааст, дар вақти вузӯ ва ғусл бояд пилкҳояшро бикушояд. Агар пилкҳои ба ҳам часпида боз нагарданд, вузӯ ва ғуслаш дуруст намегардад.

18. Шахсе дар оби ҷорӣ, ба монанди ҷӯй ва дарё, ҳамчунин дар обе, ки ҳукми оби ҷориро дорад, ба монанди ҳавзи калон, дохил шавад ва дар он бадани худро молиш диҳад ва ё чанд лаҳза биистад, суннати ғусл барояш комилан таҳаққуқ ёфтааст.

19. Вақте ба оби ҷорӣ ва ё ҳавзе барои ғусл ва ё таҳорат дохил шавад ва ё ба зери борон биистад, дигар се бор расонидани об ба бадан ва ё се бор шустани узвҳо зарурат надорад, расиши об ба бадан, ҳарчанд чанд лаҳза бошад ҳам, ҷойнишини он мегардад.[3] Зоҳиран ғусл кардан дар зери душ (ва обҳои резон) дар замони ҳозир ҳамин ҳукмро дорад[4] ва ё шаршара низ ба мисли он аст.

ҲИКМАТҲО ВА ФАВОИДИ ВУЗӮ ВА ҒУСЛ

Вузӯ ва ғусл аз назари шаръ покизагии маънавӣ, таҳорати ҳукмӣ ва василаи зоҳире барои сафои ботин ҳастанд, ки банда худро бо он барои ҳузур дар пешгоҳи бандагӣ ва ибодати Ҳақ таъоло омода месозад. Аз онҳо фавоид ва баракоте низ ба даст меояд, ки дар умум ба ҷисму рӯҳи инсон нашоту боландагӣ ва ба қалбу равонаш оромиш мебахшанд.

Саҳаргоҳон вақте аз хоб бармехезад ва ё рӯзона пас аз такопӯи зиндагӣ ва сахтиҳои рӯзгор обдаст менамояд, тамоси об ба дасту пой ва дигар аъзои баданаш касолати мағз, хоболудии ҷисм, футури рӯҳ ва парешонии хотирро аз вай дур ва ӯро барои муноҷот дар боргоҳи Худо омода месозад.

Эҳтилом (ҷанобат), ҳамбистарӣ ва ҳайзу нифос низ раванди дарунҷисмоние ҳастанд, ки дар тамоми вуҷуди инсон таъсир мегузоранд ва мӯҷиби бемадории ҷисмӣ, афсурдагии равонӣ ва тирагии ботини вай мегарданд. Вақте ғусл мегирад ва ба тамоми баданаш об мерасонад, бофтаҳои интиқолдиҳандаи бархурдҳои беруна

[1] Масъалаи пур кардан ё гузоштани дандони сунъӣ дар китобҳои фатво ба таври муфассал баён гардидааст. Дар «Маҳмуду-л-фатово» (Ҷ. 1. – С. 22-46) тафсилоти хубе дар ин бора омадааст. Хоҳишмандон метавонанд ба он мурочиат намоянд.

[2] Холид Сайфуллоҳи Раҳмонӣ, Масоили фиқҳии муосир (тарҷимаи форсӣ, Ғуломуҳаммад Яҳёи Ҳалим).– Пешовар. – С. 28. Минбаъд: Масоили фиқҳии муосир.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 320.

[4] Повараки Умдату-р-риъоя ъало шарҳи-л-виқоя. – Ҷ. 1. – С. 350.

(рецепторҳо) бо эҳсоси шодобӣ дар саросари баданаш ба ҳаракат меафтанд ва дар вай нашоти тозае барқарор месозанд.

Худо барои ин покизагии маънавӣ, латофати ҷисму ҷон ва сафои ботини инсон латифтарин унсури табиат – обро баргузида ва онро манбаи ҳаёт ва мояи боландагии вай гардонидааст.

МАСОИЛИ ГУНОГУНЕ ДАР БОБИ ҒУСЛ

1. Шакидан (молидан)-и даст ба замин ва ё девор пас аз шустани шармгоҳ дар ғусли ҷанобат мустаҳаб аст, зеро хок асари олудагӣ, ғилзати наҷосат ва ҳар гуна мавҷудоти хурд (микроорганизмҳо)-и зарарнок – микроб, бактерия ва ғайраро нобуд месозад. Аз Маймуна (рз) – ҳамсари паёмбар (с) ривоят шуда, ки: ***«Паёмбар (с) аз ҷанобат (ба ин тариқ) гусл гирифт, ки (аввал) фарҷ (шармгоҳ)-ашро бо дасташ шуст, сипас дасташро ба девор*** ва дар баъзе ривояти дигар ***ба замин молид, пас аз он онро шуст, он гоҳ вузӯи намозро гирифт ва пас аз анҷоми ғусл пойҳояшро шуст»***.[1]

2. Ҷанобат аз назари шаръ наҷосати ҳукмӣ аст ва шахси мусулмон бо он ба таври ҳақиқӣ нопок намегардад. Бинобар ин, ҳамнишинӣ ва муошират бо шахси ҷунуб, гашту гузори вай дар кӯчаву бозор ва анҷоми дигар муомилоти ғайри ибодатӣ боке надорад, ҳарчанд дуру дароз бо он ҳол истодан хуб нест. Абуҳурайра (рз) мегӯяд: Расули Худо (с) дар ҳоле ки ҷунуб будам, ба ман мулоқот кард, дастамро гирифт ва бо ӯ рафтам ва нишастем. Он гоҳ оҳиста берун шудам ва дар боргоҳ ғусл карда ба наздаш баргаштам, ки ҳанӯз нишаста буд. Пурсид: ***«Эй Абоҳир, дар куҷо будӣ?»*** Гуфтам: Ҷунуб будам ва нахостам ба он ҳол – нопок бо шумо бинишинам. Фармуд: ***«Субҳоналлоҳ! Эй Абоҳир, мусулмон нопок намегардад!»***.[2]

3. Шахси ҷунуб метавонад то ғусл кардан ба ҳамон ҳол дар хона боқӣ монад ва ё бихобад, вале суннат аст, ки шармгоҳашро бишӯяд ва вузӯ гирад. Ривоят шуда, ки Умар (рз) аз расули Худо (с) пурсид: Оё касе аз мо вақте ҷунуб бошад, метавонад бихобад? Фармуд: ***«Оре, вақте вузӯ гирад, бигузор бо ҷанобат ҳам бихобад!»***.[3] Аз Оиша (рз) низ ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) вақте мехост бо ҷанобат бихобад, шармгоҳашро мешуст ва вузӯ мегирифт»***.[4]

4. Ба таъхир андохтани ғусли ҷанобат то охири шаб ба мақсади бори дигар ҳамхобагӣ кардан ҷоиз аст, вале суннат аст, ки пас аз ҳамбистарии аввал шармгоҳашро бишӯяд ва вузӯ бигирад.

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 259, 260, 265; Саҳеҳи Муслим, 720, 722.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 283, 285. Фармудаи он ҳазрат (с) ба ин маъност, ки ҷанобат наҷосати ҳақиқӣ нест, ки асари он дар дасту пой ва дигар ҷавореҳи шахс намудор шавад.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 287, 289, 290.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 288.

Фасли севвум

АҲКОМИ ОБҲО

Ғусл, вузӯ ва поксозии ашё ба воситаи обҳои зерин сурат мегирад:

1. Оби борон. 2. Оби барф. 3. Оби жола. 4. Оби баҳр. 5. Оби дарё. 6. Оби ҷӯйбор. 7. Оби чашма. 8. Оби чоҳ.

Яъне ба тамоми обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ модоме пок бошанд, вузӯ ва ғусл кардан ва ҳамчунин, пок сохтани чизҳои наҷис ҷоиз аст.

Бояд донист, ки об ҳамон тавре ки сарчашмаи ҳаёт ва воситаи бақо ва истимрори ҳастии тамоми мавҷудот аст ва дар покию гуворогии он ҳеҷ табъе хилоф надорад, дар пок кардани палидиҳо ва наҷосатҳо низ аз ҷониби шаръ асл қарор дода шудааст ва ҳеҷ чизеро наметавон ҷойгузини он қарор дод, магар дар сурате ки шаръ боз ба чизе дастур дода бошад. Худованд мефармояд:

وَجَعَلْنَا مِنَ ٱلْمَآءِ كُلَّ شَىْءٍ حَىٍّ

«Ва тамоми мавҷудоти зиндаро аз об пайдо кардаем».[1]

Ҳамчунин мефармояд:

وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً طَهُورًا

«Ва аз осмон оби пок ва поккунанда фурӯ фиристодем».[2]

Паёмбари акрам (с) дар бораи об мефармояд**:**

إِنَّ الْمَاءَ طَهُورٌ لا يُنَجِّسُهُ شَيْءٌ

«Об, дар ҳақиқат, пок ва поккунанда аст ва ҳеҷ чизе онро наҷис намегардонад».[3]

Бинобар аҳамияти поккунандагие, ки обҳо аз дидгоҳи шариати ислом доранд ва дар покизагию поксозӣ аз онҳо истифода мешавад, ба мавзӯи об, навъҳои он ва аҳкоми обҳо таваҷҷуҳи фавқулодае дода шудааст. Муайян гардидааст, ки обҳои гуногун то чӣ замоне қобилияти поккунандагии худро нигоҳ медоранд ва дар кадом ҳолатҳо онро гум месозанд. Аз ин назар обҳо ба панҷ навъ тақсим мешаванд:

1.Оби пок ва поккунанда

Тамоми обҳое, ки дар боло зикр гардидаанд, аз ин навъи об мебошанд, яъне ҳам поканд ва ҳам қобилияти поккунандагӣ доранд. Покизагии шаръӣ ва поксозии ашё бо онҳо ҳосил мешавад.

2.Оби пок ва поккунандаи макрӯҳ

Он обе аст, ки гурба, мокиён (мурғи хонагӣ),[4] паррандагони ваҳшӣ ва ё мору калтакалос ва дигар ҷонварони хонагард аз он ошомида бошанд. Гӯшти ин ҷонварон ҳаром мебошад ва пасмондаи оби онҳо низ бояд ҳаром бошад, вале аз сабаби он ки эҳтиёт намудан аз онҳо номумкин аст, шаръ пасмондаи онҳоро макрӯҳи танзеҳӣ ҳукм намудааст.[5]

Вузӯ намудан ва ғусл кардан ба ин навъ об дар сурате ки обҳои навъи аввал, яъне обҳои мутлақ мавҷуд бошанд, макрӯҳи танзеҳӣ ме-

---

[1] Анбиё, 21: 30.

[2] Фурқон, 25: 48.

[3] Сунани Абудовуд, 66, 67; Сунани Тирмизӣ, 66; Сунани Насоӣ, 325; Муснади имом Аҳмад, 10864. Ҷ. 3. – С. 415, 11406, 11409. Ҷ. 3. – С. 508, 509; Насбу-р-рояи Зайлаъӣ. Ҷ. 1. – С. 113. Ҳадиси саҳеҳ: [ал-Ирво 14]. Ин покизагӣ ва поккунандагии об вақте аст, ки бисёр ва ҷорӣ бошад ва наҷосате, ки дар он афтодааст, бар яке аз васфҳояш: ранг, бӯй ва таъмаш (маззааш) ғалаба накарда бошад. Ҳадиси мазкур дар ривояти Ибни Моҷа бо ин изофа омадааст: ***«…, магар он чизе, ки таъм, ранг ва ё бӯи онро тағйир диҳад»*** (Сунани Ибни Моҷа, 521).

[4] Гӯшти мурғҳои хонагӣ ҳалол мебошад, вале вақте мурғҳои кӯчагард ва сардодашуда аз наҷосатҳо истифода намоянд, гӯшти онҳо то чанд рӯзе ҳаром мегардад. Агар онҳо дар ҳамин ҳолат ба обе нӯл бизананд, онро нопок мегардонанд.

[5] Паёмбар (с) дар бораи пасмондаи гурба пурсида шуд, гуфт: ***«Он наҷас (нопок) нест, зеро он аз (ҳайвоноти) бар шумо гардишкунанда мебошад»*** (Сунани Абудовуд, 75, 76; Сунани Тирмизӣ, 92; Сунани Ибни Моҷа, 367, 368; Сунани Насоӣ, 68, 339).

бошад, вале агар аз обҳои навъи аввал чизе мавҷуд набошад, истеъмоли оби навъи дуюм ҳеҷ гуна кароҳияте надорад.[1]

3. Оби пок ва поккунандаи машкук

Он обе аст, ки хар ё хачир аз он ошомида бошанд. Ин об худ пок аст, вале дар қобилияти поккунандагии он шак воқеъ шудааст, яъне дар ин ки оё бо он об вузӯ гирифтан дуруст аст ё не, шак воқеъ шудааст. Гӯшти хар ва хачир бе ҳеҷ шакке, ҳаром мебошад ва аз ин ҷо лозим меояд, ки оби пасмондаи онҳо низ ҳаром ва нопок бошад, вале арақи онҳо пок аст. Паёмбар (с) ба хари беполон (пушти луч) савор мешуд ва арақи он ба либосаш мерасид ва бо ҳамон либос намоз мехонд. Бо дарназардошти далелҳои ду тарафи масъала ба оби пасмондаи онҳо ҳукми машкук дода шудааст.

Пас агар чизе аз обҳои навъи аввал ва ё дуюм мавҷуд бошад, дар вузӯ ва ғусл аз онҳо бояд истифода намуд. Вале дар сурати набудани онҳо бо ин об вузӯ бигирад ва аз болояш таяммум намояд. Метавонад таяммумро пеш аз вузӯ намояд.

4. Оби поки ғайри поккунанда

Он оби мустаъмал мебошад. Оби мустаъмал худ пок аст, вале қобилияти поккунандагии худро аз даст додааст. Вузӯ гирифтан ба он дуруст нест.

Оби мустаъмал, тавре зикр гардид, обест, ки барои рафъи ҷанобат ва бетаҳоратӣ ё ба қасди қурбат – вузӯ бар болои вузӯ барои ҷалби ризои Худо ва ба нияти савоб – истеъмол гардидааст.

Ҳар гуна обе мустаъмал ба шумор намеравад. Шахси ботаҳорате барои хунук (салқин) сохтани аъзои бадани худ ва ё барои омӯзиш додани вузӯ ба дигаре ба обе вузӯ гирифт ва ё шахси поке барои салқинӣ ба обе оббозӣ (ғусл) кард, обҳои бакоррафта дар ин мавридҳо оби мустаъмали шаръӣ ба шумор намераванд. Аммо агар шахси бетаҳорате чунин кунад, хоҳ нияти вузӯ ва рафъи ҳадас (нопокӣ) намуда бошад, хоҳ не, оби истифодабурдаи ӯ мустаъмал мегардад. Зеро дар як вақт ду натиҷа – ҳам рафъи бетаҳоратӣ ва ҳам салқинии баданашро ҳосил кардааст. Об он гоҳ мустаъмал мегардад, ки пас аз истифода аз бадани вузӯгиранда ва ғуслкунанда ҷудо гардад.

5. Оби наҷис (нопок)

Оби наҷис обест, ки ба вай наҷосате расида ва онро нопок сохта бошад. Агар наҷосате (нопокие) дар об афтода ва асари он дар об зоҳир шуда бошад, он об наҷис гардидааст, чи об андак бошад, чи бисёр ва чи он об рокид (ва беҳаракат) бошад, чи оби ҷорӣ (ва равон). Вале агар об андак ва рокид (қарор ва беҳаракат) бошад, вақте наҷосате ба он биафтад ва асари он зоҳир нашуда бошад ҳам, он об наҷис мегардад.

Ҳукми оби наҷис (нопок) ин аст, ки бо он об таҳорат ва покӣ ҳосил намешавад ва ҳатто агар ин об бо чизи дигаре ва ё оби дигаре омехта ва якҷоя гардад, он чиз ҳам наҷис ва олуда мегардад.

а) Оби бисёр: Оби бисёр – оби равонро гӯянд ва ё он оберо, ки дар ҳукми оби равон бошад, ба монанди оби ҳавзи калоне, ки бо ҳаракат додани об дар як тарафи он дар дигар тарафаш об ба ҷунбиш наояд. Ин об шаръан оби бисёр ба шумор меравад.

Агар дарозии ҳавз даҳ газ ва паҳноии он низ даҳ газ бошад ва чуқурии он ба андозае бошад, ки бо каф задан ва об бардоштан замини зери ҳавз ба ҷунбиш наафтад, он низ оби бисёр ба ҳисоб меояд. Масоҳати чунин ҳавзҳое тақрибан 36 метри мураббаъро ташкил медиҳад ва онро даҳ дар даҳ гази шаръӣ мегӯянд.

б) Оби андак: Он обест, ки аз ин андоза камтар бошад.

Обе, ки бар рӯи наҷосат ворид шавад, яъне аз болои он гузарад ё наҷосат бар рӯи он бошад, агар тамоми он об ё аксари он аз рӯи наҷосат гузарад ё наҷосат тамоми болои он ё аксари онро пӯшонад – фаро гирад, он об наҷис (нопок) мегардад. Ин ҳолат (масъала) бештар дар ҷӯйҳо ва даҳонаи новадонҳое ба вуқӯъ меояд, ки дар оброҳаҳо, нишебии ҷӯйҳо ё обрези лаби бомҳо насб шудаанд ва вақте об аз онҳо ҷорӣ мешавад, тамоми он аз рӯи наҷосат мегузарад. Агар ин об пас аз гузаштан аз рӯи наҷосат онро аз байн бибарад ва ҷои онро пок созад, пас он об низ, агар

[1] Дар сурати мавҷуд будани обҳои навъи аввал бояд аз онҳо истифода шавад ва истифодаи обҳои навъи дуюм дар он ҳолат кароҳияти танзеҳӣ дорад. Масъалаи истифода аз обҳои навъи дуюм ва сеюм дар ҳолати ноёбӣ ва камии оби тоза пеш меояд. Ин ҳама иноятӣ ислом нисбат ба об ба хотири он аст, ки одамӣ ҳеҷ гоҳ аз ҳавзаи покизагӣ ва истифодаи об дар канор намонад.

асари наҷосат дар яке аз васфҳои он зоҳир нашуда бошад, пок аст, зеро он оби ҷорӣ ба шумор меравад. Рехтани об дар ҳамаи ҳолатҳои мазкур ҳукми ҷараёни онро дорад. Бояд гуфт, ки дар наҳрҳои бузург ва маҷрои корезҳо (каналҳо)-и калон имкони вуқӯъи ин ҳолат камтар аст.

Ниҳодани либоси наҷасолуд дар оби кам ё фурӯ кардани узви наҷасолуд дар он фавран онро наҷис мегардонад, хоҳ аввал об дар зарфе рехта ва либоси нопок ба он ниҳода шавад ё аввал либоси нопок гузошта ва пас аз он ба болояш об рехта шавад, вале назди фуқаҳои мо ба ҳукми зарурат дар ин ҳолат бо аввалин бархӯрди чизи наҷасолуд ба он об наҷис намегардад, то он ки он чиз шуста ва аз об бардошта шавад, яъне об аз вай ҷудо гардад, он гоҳ об наҷис (нопок) мегардад. Ин амр дар ду навбати аввал ва дуюми шустани чизи наҷосатолуд аст, вале дар навбати сеюм назди Имомайн ҳам либос пок мегардад ва ҳам он об тоҳир мешавад. Назди имом Шофеъӣ (рҳ) об ба муҷарради партофтан, ниҳодан ё фурӯ кардани чизи наҷосатолуд дар он наҷис мегардад ва ашёи наҷис (наҷосатолуд ва нопок) ба он пок намешаванд, мас., вақте дар зарфҳои либосшӯӣ, ба мисли ташт, лаган ва ғ. аввал об рехта, пас аз он либоси наҷосатолуд дар он ниҳода шавад ё узви наҷосатолуда дар он фурӯ карда шавад, он ба манзалаи афтодани наҷосат дар оби кам аст, об бо он нопок мегардад ва дигар он чизҳоро пок намесозад, бар хилофи рехтани об ба рӯи он, ки ҳукми оби ҷориро дорад. Гарчи назди фуқаҳои мо он об то ҷудо гаштан аз чизи наҷосатолуд, аз боби зарурат, нопок ҳукм нагардида, вале барои хуруҷ аз хилоф дар ин масъала амал кардан ба қавли Шофеъи (рҳ)-ро авло медонанд, яъне аввал бояд либоси нопок дар зарфи либосшӯӣ гузошта, пас аз он ба болои он об рехта шавад.[1]

ОМЕХТАНИ ЧИЗЕ БО ОБ

Таҳорат ва покизагии зоҳирӣ аз ду навъ иборат аст: а) покизагӣ аз наҷосатҳои ҳақиқӣ ва нопокиҳои зоҳирӣ, б) покӣ аз палидиҳои (нопокиҳои) ҳукмӣ: ҳадаси калон (ҷанобат) ва ҳадаси хурд (бетаҳоратӣ). Таҳорат аз нопокиҳо вақте таҳаққуқ пайдо мекунад, ки либос, бадан ва макони намозгузор бо оби поккунандае аз наҷосат пок сохта шавад.

Таҳорат аз нопокиҳои ҳукмӣ беҳтар аст, бо оби холис ва дар ҳолати табиии он анҷом бигирад. Зеро ҳамон ҳолати табиӣ ва сафои табъи ноолудаи об барои пок сохтани инсон аз нопокиҳои ҳукмӣ мувофиқтар мебошад. Худованд мефармояд:

وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً طَهُورًا

«Аз осмон оби пок ва поккунанда фурӯ фиристодем».[2]

а) Оби холис ва мутлақ ҳамон обест, ки на чизҳои пок ва на чизҳои нопоке, ки ғолибан аз он ҷудо ҳастанд, бо он дарнаомехта бошанд.

б) Агар чизҳои поке, ба монанди собун, орд, заъфарон ва ғайра ба об омехта гаштанд, вале бар моҳияти об ғалаба накарданд (ва обро аз моҳияти обиаш берун наоварданд), он об пок ва поккунанда аст. Вузӯ ва ғусл бо он дуруст аст.

Аммо агар он чизҳо бар моҳияти об ғалаба карданд ва онро аз табиати обиаш: риққат (тунукӣ ва моеъӣ) ва сайёлият (равонӣ) хориҷ сохтанд, дар ин сурат он об пок аст, вале қобилияти поккунандагии худро гум мекунад, яъне аз моҳияти обӣ хориҷ мегардад. Дар ин ҳолат бо он об вузӯ ва ғусл дуруст намешавад.

в) Агар ба об чизҳое омехта гардад, ки ғолибан аз об ҷудо нестанд, ба монанди сабзии рӯи об,[3] баргу шохи дарахтон, хасу алаф, лойу рег ва ғайра ин об пок ва поккунанда аст. Таҳорат ба он дуруст мебошад.

г) Агар ба об чизи моеъе омехта гардад, ки дорои ду сифат аст, ба монанди шир, ки дорои ду сифат – ранг ва мазза (таъм) мебошад, вале бӯй надорад, дар ин ҳолат бояд дида шавад, ки агар яке аз ду сифати он чиз бар об ғалаба кардааст, он об аз табиати обиаш хориҷгашта ба шумор меравад ва вузӯву ғусл ба он дуруст намешавад.

ғ) Вале агар ба об чизе омехта гардад, ки дорои се сифат бошад, ба монанди сирко (уксус), пас бояд дида шавад, агар ду сифат аз сифатҳои сегонаи он чиз бар об ошкор гардидааст, он об аз моҳияти обиаш хориҷгашта ба ҳисоб меояд.

д) Агар ба об чизи моеъе омехта гардад, ки ҳеҷ

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 585–586.

[2] Сураи Фурқон, 25: 48.

[3] Сабзии рӯи обро мардуми баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон рӯймолак (ҷома)-и курбоққа мегӯянд ва дар гӯишҳои қадимтари форсӣ ба он чағзпора гӯянд. Чағз курбоққа аст.

сифате надошта бошад, ба монанди оби мустаъмал ва оби гуле, ки бӯи он аз байн рафтааст,[1] дар ин сурат ғалабаи яке бар дигаре бо вазн эътибор карда мешавад. Пас, агар ду литр оби мустаъмал ба як литр оби холис омехта гардад, вузӯ ба он дуруст набошад ва дар акси он ҷоиз аст.

е) Ҳамчунин таҳорат ва покӣ ба он обе, ки табиати обиаш бо пухтани чизе дар он аз байн рафта бошад, ҳосил намешавад, ба монанди шӯрбо, нӯшобаҳо (кампотҳо)-и мевагӣ ва ғайра.

Таҳорат ва поксозӣ ба василаи обҳои ҳаштгонаи мазкур ҷоиз аст, агарчи таъму мазза ва рангу бӯи онҳо дар натиҷаи истодан дигаргун шуда бошанд, хоҳ ба мисли тамоми обҳои нӯшиданӣ ширин бошанд, ё ба монанди оби баҳр шӯр.[2]

Ҳамчунин, агар ягон чизи пок ва тоҳир дар ин обҳо омехта шуда, таъму мазза ва рангу бӯи онҳоро тағйир дода бошад, вале онҳоро аз табиати обӣ берун насохта бошад, таҳорат ва поксозӣ ба онҳо ҷоиз мебошад. Мисли обе, ки дар он собун омехта шуда, вале табиати обии он боқӣ мондааст. Вале агар онҳоро аз табиати обӣ хориҷ карда бошад, дар он сурат таҳорат ва поксозӣ ба воситаи он обҳо ҷоиз намебошад, мисли шӯрбо, сирко, оби мева ва ғайра, ки аз табиати обӣ хориҷ шудаанд.

Таҳорат ва поксозӣ бо обҳое, ки ба василаи фишурдан аз дарахт ва ё мева ба даст меоянд, ҷоиз нест.

ПОКӢ ВА НАҶОСАТИ ОБҲО

Агар дар оби ҷорӣ ва ҳамчунин ҳавзе, ки масоҳати он даҳ гази шаръӣ[3] ва бештар аст, наҷосате афтода, яке аз сифатҳои сегонаи (таъм ва ё рангу бӯи) онро тағйир диҳад, таҳорат ва поксозӣ ба воситаи он ҷоиз нест. Вале агар ҳеҷ сифати онро тағйир надод, дар он сурат таҳорат ва поксозӣ ба он ҷоиз мебошад.

Агар дар оби истодае, ки масоҳати он камтар аз даҳ дар даҳ гази шаръӣ аст, наҷосате биафтад, оби мазкур наҷис (палид) хоҳад шуд, хоҳ таъм ва рангу бӯи онро, яъне яке аз сифатҳои сегонаи онро тағйир диҳад, хоҳ надиҳад.[4]

Ҳавзе, ки масоҳати он аз даҳ дар даҳ гази шаръӣ камтар аст, агар оби ҷорие пас аз афтодани наҷосат ба он пайваст шавад ва аз тарафи дигараш хориҷ гардад, оби он ба муҷарради хуруҷ аз он тараф ҳукми оби ҷориро ба худ мегирад ва пок мегардад. Вале агар яке аз васфҳо – ранг, бӯй ва ё маззааш бо афтодани наҷосат тағйир ёфта бошад, он пас аз пурра хориҷ гаштани оби наҷис аз ҳавз пок мегардад.

Ҳайвоноти обие, ки таваллудашон дар об аст ва низ он ҳайвоноте, ки дорои хуни соил (равон) намебошанд, агар дар об бимиранд, обро наҷис намесозанд.[5]

ПӮСТИ ҲАЙВОНОТ

Пӯсти даббоғишудаи ҳамаи ҳайвонот пок ва тоҳир аст,[6] ғайр аз пӯсти хук, ки он наҷасулъайн аст[7] ва пӯсти одамӣ, ки дорои шарофат ва каромати хос аст.

Ҳайвоноте, ки пӯсташон ба воситаи даббоғӣ

---

[1] Оби мустаъмал ва оби гул пок ҳастанд. Наҷосати ҳақиқӣ ва палидиҳои зоҳирӣ бо онҳо зоил (дур) ва пок мешаванд, вале таҳорати ҳукмӣ ба онҳо ҳосил намешавад.

[2] Ривоят шудааст, ки марде аз расули Худо (с) пурсид: *«Эй расули Худо, мо дар баҳр савор мешавем ва ҳамроҳи худ оби каме бармегирем. Агар ба он об вузӯ гирем, (бе об ва) ташна мемонем, оё ба оби баҳр вузӯ гирем? Расули Худо (с) фармуд:* ***(Оре), он обаш пок ва худмурдааш ҳалол аст»*** (Сунани Абудовуд, 83; Сунани Тирмизӣ, 69; Сунани Насоӣ, 59, 331, 4361; Сунани Ибни Моҷа, 386, 3246).

[3] Як гази шаръӣ тақрибан баробари 60 см аст.

[4] Барои ҳамин паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳеҷ кадоме аз шумо дар оби қарор ва истодае, ки ҷорӣ нест ва онро барои ғусл ва ошомидан истифода мебарад, бавл нанамояд»*** (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1256. Ҷ. 4. – С. 67; Саҳеҳи Ибни Хузайма, 94. Ҷ. 1. – С. 50). Ба ҳамин маъно ривояти дигаре низ омадааст: ***«Ҳеҷ кадоме аз шумо дар оби истодае, ки ҷорӣ нест ва онро барои ғусл ва шустушӯяш истифода мебарад, пешоб нанамояд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 239; Саҳеҳи Муслим, 654, 655; Сунани Абудовуд, 69; Сунани Тирмизӣ, 68; Сунани Насоӣ, 57, 58, 221, 398.

[5] Паёмбар (с) вақте дар бораи вузӯ гирифтан ба оби баҳр пурсида шуд, фармуд: ***«Он обаш пок ва худмурдааш ҳалол мебошад»*** (Сунани Абудовуд, 83; Сунани Тирмизӣ, 69; Сунани Насоӣ, 59, 331, 4361; Сунани Ибни Моҷа, 386, 387, 388; Мустадраки Ҳоким, 491, 492. Ҷ. 1. – С. 237, 493. Ҷ. 1. – С. 238, 497, 498. Ҷ. 1. – С. 239, 499, 500. Ҷ. 1. – С. 240). Бинобар ин, бо марги ин ҳайвонот об нопок намегардад.

[6] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Пӯст вақте дабоғат дода шавад, пок мегардад»*** (Саҳеҳи Муслим, 366. Сунани Абудовуд, 4123). Дар ривояти дигар мефармояд: ***«Ҳар пӯсте дабоғат дода шавад, пок мегардад»*** (Сунани Тирмизӣ, 1728, Сунани Ибни Моҷа, 3609).

[7] Худованд гӯшти хукро риҷс (палид) гуфтааст, он ҷо ки мефармояд: **«… ва гӯшти хук, ки он риҷс (палид ва нопок) мебошад»** (Анъом, 6: 145).

(офтоб додан ва дигар навъҳои коркард) пок ва тоҳир мешавад, бо забҳ ва сар буридан низ пӯст, гӯшт ва ҷасадашон пок мегардад. Албатта, покии гӯшти ин ҳайвонот на барои хӯрдан аст, балки тоҳири салотӣ мегардад. Мас., агар ҳангоми намоз тиккае аз гӯшти он ҳамроҳи намозгузор бошад, намозаш ботил нахоҳад гардид. Вале ҳайвоноте, ки бо даббоғӣ пок намешаванд, бо забҳ ва сар задан ҳам гӯшт ва ҷасадашон пок намешаванд.

Пашм, устухон ва рагу пайи ҳайвони худмурда пок ва тоҳир аст[1] ва ҳамаи ин аъзои одамӣ низ ҳукми мазкурро доранд.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ОБИ РАВОН ВА ОБИ ҲАВЗ

1. Ҳар обе, ки ба он чизе омехта гардад ё дар он чизе пухта шавад, ки дар урфият дигар ба он об гуфта намешавад, балки чизе бар номаш афзуда мегардад, ба монанди обгӯшт (хомшӯрбо), гулоб ва ғайра, вузӯ ва ғусл ба он дуруст намебошад.

2. Обе, ки ба он чизи поке омехта гашта ва дар яке аз васфҳо (хусусиятҳо)-и сегонаи он – ранг, таъм (мазза) ва ё бӯи он каме дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст, вале он чиз дар об рехта нашуда, балки дар натиҷаи ҷараёни об ба он ҳамроҳ гардидааст, мисли оби ҷорие, ки ба он регу лой ҳамроҳ гардидааст ва ё собун ва ё заъфарон ба он омехта гашта ва дар яке аз хусусиятҳои сегонааш каме дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст, то вақте аз моҳияти обиаш берун нагашта бошад, вузӯ ва ғусл бо он об дуруст аст.

3. Агар дар об чизе пухта шавад, ки дар натиҷаи он ранг ё мазза ва ё бӯи об тағйир ёбад, ба монанди оби нахӯд ва боқило, вузӯ ва ғусл бо он об дуруст аст.

4. Агар барои ранг намудани либос ва ришта дар об заъфарон ва ғайра андохта шавад ва бо он имкони ранг кардан бошад, яъне ғафстар шуда бошад, чуноне дар Баҳр ба нақл аз Қуня (Ҷ. 1. – С. 162) ва дар Дурр ва шарҳи он Радд (Ҷ. 1. – С. 370) омадаст, бо он об вузӯ ва ғусл дуруст нест, зеро он аз оби мутлақ[2] хориҷ гашта ва номи об аз он зоил (бардошта) шудааст. Дар Фатовои ҳиндия мефармояд: Вузӯ гирифтан ба оби заъфарон, гул ва маъсар (заъфарони кӯҳӣ), вақте тунук ва об бар он ғолиб бошад, ҷоиз аст, аммо вақте сурхӣ бар он ғолиб ояд ва мутамосик (баста) гардад, дигар ҷоиз нест, чунин аст дар Фатовои Қозихон (Ҷ. 1. – С. 24).

[1] Худованд пӯст ва пашми ҳайвонотро барои истифодаи инсон офаридааст ва дар ин бора мефармояд: **«… ва аз пашми онҳо (барои шумо) асбоби рӯзгор ва то муддате баҳрае гардонидааст»** (Наҳл, 16: 80).

[2] Оби пок аз назари аҳкоми фиқҳӣ ду ҳолат дорад, яке ҳолати табиӣ, ки ба он оби мутлақ гӯянд ва он оби холис ва пеш аз ҳар гуна изофоте ба он аст, дигаре, оби муқайяд, ки ба он чизи тоҳире омехтааст. Фуқаҳои тамоми мазоҳиби фиқҳӣ бар ҷавоз (ҷоиз ва дуруст будан)-и рафъи наҷосати ҳукмӣ (ҳадас) бо оби мутлақ ва адами ҷавоз (ҷоиз набудан)-и он бо оби муқайяд иттифоқи назар доранд. Вале дар ин ки об кай аз ҳолати мутлақӣ берун ва ба оби муқайяд мубаддал мешавад, ихтилофи назар доранд. Вақте бо об чизи тоҳире омехта гардад, то бар он ғолиб нагардад, онро аз оби мутлақ берун намесозад. Агар бо он чизе ба монанди собун ва ушнон, омехта гардад, чун он бо қасди зиёд шудани қобилияти поксозии об сурат мегирад, то дар моҳият ва табиати обиаш тағйире ба вуҷуд наояд, он пок аст ва наҷосати ҳукмӣ бо он рафъ мегардад, яъне вузӯ ва ғусл бо он дуруст аст. Аммо агар онро аз табиати обиаш, ки аз равонӣ ва риққат (тунукӣ) иборат аст, хориҷ созад ва он ба мисли гилоба (лойқа) ғафс шавад ё лар (лерд) бандад, дигар бо он рафъи наҷосати ҳукмӣ ҷоиз нест.

Агар ба об чизи тоҳире, ба мисли заъфарон, асфар ва ғ. омехта гардад, ки манзур аз он афзоиши қобилияти поксозии об набуда, балки бо мақсади дигаре, аз қабили таҳияи ранг ва ғ., ба он омехта шудаанд, пас агар дар яке аз васфҳои сегонаи он тағйири комил падид ояд, мас., сурхии ранги заъфарон ба он ғолиб гардад ё дар моҳияти он дигаргунӣ падид ояд ва каме ғафс ва ачзои он бо ҳам мутамосик (баста) гардад, дар ин сурат он аз оби мутлақ хориҷ гашта ва истифодаи он барои рафъи наҷосати ҳукмӣ ҷоиз нест.

Агар чизе аз ҷинсҳои замин бо он омехта гардад, ки маъмулан аз он ҷудо нестанд, ба мисли хок, рег ва ғ., то вақте он аз табиати обиаш хориҷ нагардад, яъне ғафс ва ларбаста нагардад, рафъи наҷосати ҳукмӣ бо он ҷоиз аст. Аммо он обҳое, ки дар фасли хазон баргҳои дарахтон дар онҳо афтода ва дар яке аз васфҳо ё дар ҳамаи васфҳояшон дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст, то вақте дар табиати обиашон тағйир ба вуҷуд наояд ва аз равонӣ ва риққат хориҷ нагарданд, вузу ва ғусл дар онҳо ҷоиз аст, зеро машоихи кибор ҳамвора бо чунин обҳое вузӯ мегирифтанд. Ва ин аз боби зарурат ва рафъи ҳарач аст, зеро иҷтиноб аз он имкон надорад.

Агар ба он чизе омехта ё изофа гардад, ки ҳолати табиаш – оби мутлақ буданро фавран аз он дур созад, ба мисли гул, гиёҳони доруӣ ва ғ., бо он аз ҳамон аввал рафъи наҷосати ҳукмӣ ҷоиз нест. Зеро мас., гул вақте бо об омехта гардад, ба он оби гул ё гулоб гӯянд ва фавран номи оби мутлақ аз он зоил мегардад. Дар тамоми ҳолатҳои фавқ, агар наҷосати ҳақиқӣ бо он пок сохта шавад, пок мегардад.

Вале ба таҳрири баъзе матнҳои фиқҳӣ, бо обе, ки ба он заъфарон ва ғ. омехтааст, вузӯ ва ғусл ҷоиз аст, чуноне дар Ҳидоя омадааст (Ҳидоя. – Ҷ, 1. – С. 59). Ин ҷавози покӣ бо он дар сурате аст, ки бо он чизҳои тоҳир омехта гарданд, вале агар онҳо дар об ҷӯшонида шаванд (ки дар ин ҳолат онро пухтан – табх мегӯянд), пас вузӯ ва ғусл бо онҳо ҷоиз нест. Аммо дар об ҷӯшонидани баъзе чизҳо, ба мисли собун, ушнон[1] ва ғ. вақте бо қасди бештар намудани қобилияти поксозии он сурат гирад ва дар риққати он тағйире ба вуҷуд наомада бошад, вузӯ гирифтан ба он ҷоиз аст.

5. Агар бо об шир, дӯғ ва ё ҷурғот (мост) омехта гардад, дар сурате ки ранг ва ё маззаи шир ва ғайра бар об ғолиб ояд, вузӯ ва ғусл бо он об дуруст нест ва дар акси он дуруст аст.

6. Агар дар биёбон ва кӯҳ оби андак пайдо гардад, то замоне ки ба наҷосати он яқин ҳосил нанамояд, он об пок мебошад ва ба он вузӯ гирифтан ҷоиз мебошад. Набояд ба маҳзи ин ки шояд ва эҳтимол ин об наҷис бошад, вузӯро ба он тарк намояд. Агар ба гумони ин ки шояд ин об наҷис бошад, вузӯро тарк намуда, даст ба таяммум барад, таяммумаш дуруст намегардад.

7. Вақте дар чоҳ ва ё ҳавзи бузург баргу шохчаҳои дарахтон ва ё гиёҳон афтод ва пас аз чанде оби он бадбӯй гашта ва рангу маззааш низ тағйир ёфта бошад, то замоне ки дар риққат (тунукӣ, моеъӣ) ва сайлоният (равони)-аш ҳеҷ тағйире ба вуҷуд наёмада бошад, вузӯ ва ғусл бо он об дуруст мебошад.

8. Агар дар оби истода ва беҳаракат наҷосате бияфтад, бо он об вузӯ ва ғусл дуруст нест, хоҳ миқдори наҷосат кам бошад, хоҳ зиёд. Вале агар об ҷорӣ ва ё дар ҳукми оби ҷорӣ бошад, монанди ҳавзе, ки масоҳаташ даҳ дар даҳ гази шаръӣ, яъне тақрибан 36 метри мураббаъро ташкил медиҳад, то замоне ки яке аз васфҳои (хусусиятҳои) сегона (ранг, бӯй ва масза)-аш тағйир наёбад, вузӯ ва ғусл ба он дуруст мебошад.

9. Обе, ки пари коҳе ё барги дарахте ва ё монанди инҳоро бибарад, оби равон (ҷорӣ) ба шумор меояд, ҳарчанд суръати ҷараёнаш оҳиста бошад. Вузӯ ва ғусл дар он об дуруст мебошад.

10. Ҳавзи даҳ дар даҳ гази шаръӣ (бо 36 метр масоҳат), ки қаъри (чуқурӣ) он низ ба қадрест, ки агар бо даст аз он об бардошта шавад, замини он ба ҷунбиш намеафтад, агар наҷосати дидашаванда, монанди арақ, пешоб ва ғайра дар он биафтад, дар чаҳор тарафаш вузӯ дуруст аст. Агар наҷосати дидашаванда, монанди саргин, ҳайвони худмурда ва ғайра биафтад, танҳо дар ҳамон тарафе, ки наҷосат дида мешавад, вузӯ дуруст нест ва дар се тарафи дигараш дуруст аст. Ин ҳам ба шарте ки дар яке аз васфҳои сегонааш тағйире ба вуҷуд наёмада бошад, ки дар он сурат дар ҳеҷ ҷои он вузӯ дуруст нест.

11. Обгир ё ҳавзе, ки ду метр паҳно ва ҳаждаҳ метр дарозӣ дошта бошад, он дар ҳукми ҳавзи бузург аст.

12. Агар дар сатҳи боми хона наҷосат вуҷуд дошта бошад, вақте борон биборад ва оби сатҳ аз новдон ба замин бирезад, бояд мулоҳиза шавад: Агар нисфи сатҳи бом ё бештар аз он ба наҷосат олуда бошад, оби фурӯрехта аз новдон наҷис мебошад, агар камтар аз нисф олуда бошад, он об пок аст, агар наҷосат дар пеши даҳонаи новдон ҷамъ гардида бошад ва тамоми об пас аз гузаштан аз болои он ба замин бирезад, он об нопок аст.

13. Вақте оби андак оҳиста равон бошад, ором-ором вузӯ бигирад, то оби истеъмолгашта дубора ба каф наояд.

14. Агар кофире ё бачаи хурдсоле дасти худро дар об фурӯ кунад, дар сурате ки бар дастони эшон наҷосати зоҳир (намоён) набошад, об наҷис намешавад, вале аз он ҷо ки ба бачаҳои хурдсол наметавон зиёд эътимод кард, чун оби дигар мавҷуд бошад, бо он вузӯ гирифтан беҳтар аст.

15. Агар дар об ҳашароте, ки хуни равон надорад, монанди пашша, занбӯр, магас ва ғайра бимирад, ё дар беруни об бимирад ва баъд аз он ба об бияфтад, об наҷис намегардад, вузӯ ва ғусл бо он об ҷоиз аст.

16. Ҳайвоноте, ки пайдоиш ва зиндагии онҳо дар об аст, монанди моҳӣ, қурбоққа,[2] мори обӣ ва ғайра агар дар об бимиранд, об наҷис наме-

[1] Гиёҳе аз хонаводаи исфанох (испаноҷ, исфаноҷ, исмалоқ), ки дар шӯразор мерӯяд ва аз реша (ва баргҳо)-и он барои шустани либос истифода мекарданд (Фарҳанги бузурги сухан. – Ҷ. 1).

[2] Ҳукми қурбоққаи обӣ ва хокӣ якест. Агар қурбоққаи хокӣ хуни равон дошта бошад, бо мурдани он дар об об наҷис мегардад. Фарқ миёни қурбоққаи обӣ ва хокӣ он аст, ки дар миёни панҷаҳои қурбоққаи обӣ парда аст ва хокӣ парда надорад.

шавад. Ҳамчунин агар ҳайвоноти номбурда дар зарфи шир, равған, ширабу шарбат ва ғайра биафтанд ва бимиранд, онҳо низ наҷис намегарданд.

17. Ҳайвонот ва паррандагоне, ки дар об зиндагонӣ мекунанд, вале пайдоиши онҳо дар об нест, монанди мурғобӣ ва ғайра, хоҳ дар хориҷи об бимиранд ва баъд аз он ба об биафтанд, хоҳ дар дохили об бимиранд, дар ҳар ду сурат об наҷис мегардад.

18. Қурбоққа ва ғайра агар дар оби истода ва ё зарфҳои об бимирад ва пора-пора гардад, то вақте яке аз васфҳои сегона – ранг, бӯй ё таъми он тағйир наёфта бошад, он об пок аст, вале аз нигоҳи беҳдоштӣ нӯшидан ва хӯрок омода сохтан бо он ҷоиз нест. Аммо агар пас аз мурдан дар ҳол берун афканда шавад, он об боке надорад, яъне барои ошомидан низ бехатар аст. Ҳамин тавр агар дар зарфи шарбат, равған ё шир бимирад ва фавран берун афканда шавад, он пок аст ва хӯрданаш боке надорад.[1]

19. Обе, ки дар офтоб гузошта шуда ва зери таъсири ҳарорати он гарм шудааст, аз он ҷо ки корбурди (истеъмол) он эҳтимоли пайдоиши доғҳои сафедро дар бадан дорад, беҳтар аст дар вузӯ ва ғусл аз истифодаи он худдорӣ шавад.

20. Пӯсти ҳайвони худмурда, вақте бо роҳи офтоб додан ва ё дигар воситаҳои омодасозӣ ва коркарди пӯстҳо ош (дабоғат) дода шавад ва хушк гардад, дар болои он намоз хондан ҷоиз аст. Пӯсти хук бошад, ба ҳеҷ ваҷҳ пок намегардад. Пӯсти одамӣ, албатта, пок мешавад, вале коркард ва корбасти (истифода) он аз ҷиҳати шарофати инсонӣ ва ҷойгоҳи хоссаи вай дар миёни занҷираи офариниш ҷоиз нест.

[1] Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 1. – С. 428.

Фасли чаҳорум

АҲКОМИ ЧОҲ

Оби чоҳ бинобар хусусиятҳои чоҳӣ ва камии масоҳати он аз оби равон ва ҳавзи даҳ дар даҳ гази шаръӣ фарқ мекунад ва ба он аҳкоми хоссе тааллуқ мегирад, ки аз аҳкоми оби ҷорӣ ва ҳавз тафовут доранд.

Ҳар гоҳ дар чоҳ наҷосате биафтад, чоҳи мазкур вақте пок мешавад, ки тамоми оби он кашида шавад ва агар ҳайвоне дар он чоҳ мурда варам кунад ва ё реза-реза шавад, ҳамин ҳукм аст, вале агар варам накунад ва ё реза-реза нагардад, вобаста ба ҳар навъи ҳайвоне, ки дар чоҳ мурдааст, ҳукми хоссе вуҷуд дорад, ки баъдан ба тафсил баён хоҳад шуд.

1. Агар ҳайвоне мисли қаду басти одамӣ ё гӯсфанд ва ё саг дар чоҳ афтида бимирад, барои покии оби он чоҳ бояд дар сурати имкон тамоми оби чоҳ кашида шавад, вале агар имкони кашидани тамоми он вуҷуд надошта бошад, оби чоҳ ба он миқдор кашида мешавад, ки ду нафар аз аҳли басорат (аҳли биниш ва дониш дар масоили ҷоҳҳо ва дар заминаи обшиносӣ) ва таҷриба он миқдорро барои покии оби чоҳ кофӣ бидонанд.[1]

2. Агар ҳайвоне ба андозаи мурғ дар чоҳ афтода бимирад, аз оби он чоҳ кашидани чиҳил сатил то шаст сатили миёна лозим аст. Агар ҳайвоне монанди андозаи гунҷишк дар чоҳ афтида бимирад, бояд бист сатил то сӣ сатили миёна аз оби он чоҳ кашида шавад.

3. Бо афтидани наҷосат ва ё ҳайвони худмурда дар чоҳ оби он наҷис мешавад, вале гоҳе барои банда чунин ҳолат рӯй медиҳад, ки аз наҷис шудани оби чоҳ бехабар мемонад ва муддате баъд аз он огоҳ мегардад. Дар ин ҳолат гуфтаҳои фақеҳони мо мухталиф ва гуногун аст. Бархе бар онанд, ки агар мурдор варам карда бошад, оби чоҳ пеш аз се шабонарӯз ҳукми наҷис буданро дорад, вале агар мурдор варам накарда бошад, оби чоҳ қабл аз як шабонарӯз ҳукми наҷис буданро дорад.

Назари баъзе аз фақеҳони мо бар он аст, ки оби чоҳ аз ҳамон лаҳзаи ёфта шудани мурдор наҷис мебошад, хоҳ варамида бошад, хоҳ не.

Оби чоҳ агар ба замин фурӯ равад – кашида шавад ва пас аз он дар чоҳ аз нав об пайдо шавад, он пок аст.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ОБИ ЧОҲ

1. Агар пасафкандаи кабӯтар ё гунҷишк дар чоҳ афтад, оби он наҷис намешавад. Агар пасафкандаи мурғобӣ афтад, оби чоҳ наҷис мешавад ва бояд ҳамаи оби чоҳ кашида шавад.

---

[1] Дар тамоми масъалаҳое (суратҳое), ки берун кашидани тамоми оби чоҳ лозим мебошад, дар сурати имконнопазир будани он, кашидани дусад сатили миёна кифоя мекунад, вале то сесад сатил беҳтар аст. Чоҳе, ки дар даруни он чашмаи об аст, ҳамин миқдор барои он низ басанда аст.

Аз Муҳаммад ибни Ҳасан (рҳ), ки яке аз ёрони Абуҳанифа (рҳ) аст, ривоят шудааст, ки аз чунин чоҳе дусад то сесад сатил об кашида шавад.

Дар китоби «Дурру-л-мухтор» омадааст: Ривояти Муҳаммад ибни Ҳасан (рҳ) осонтарин роҳ аст, вале эътимод ба сухани ду шахси одил ва коршинос дар масоили об камоли эҳтиёт мебошад.

Агар дар кашидани оби чоҳ ба ҷои сатил аз дастгоҳҳо ва техникаи ҳозира, ба монанди обкаш (движок)-ҳо ва насосҳои обкашӣ истифода шавад, беҳтар аст, зеро кашидани об ба ин василаҳо осонтар мебошад. Вале бояд дар назар гирифт, ки аз миқдори муайянгардида кам кашида нашавад.

Чоҳҳо дар гузашта барои мардум аҳамияти ҳаётӣ доштанд. Тамоми мардуми дашту деҳот ва манотиқи дуру наздик, ки ба ҷӯйу дарёҳо ва чашмаву обҳои ошомидании ҷорӣ дастрасӣ надоштанд, аз оби чоҳ истифода менамуданд.

Албатта, он шабакаҳои обрасонӣ ва таъмини оби ошомидании тоза, ки имрӯз дар баъзе кишварҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад ва ё таъмини оби тоза ба василаи мошинҳои обкашонӣ, дар гузашта вуҷуд надоштанд. Чоҳҳо бошанд, аксаран даҳонкушода буданд ва ҳодисаҳои афтодани наҷосат ва чизҳои поку нопок дар онҳо бисёр ба вуқӯъ мепайваст.

Имрӯз низ мардуми баъзе минтақаҳо аз ҷиҳати харобии вазъи иқтисодӣ боз ба истифодаи оби чоҳҳо рӯй овардаанд. Аз он ҷо ки об ва покизагии он аз назари шариати ислом аҳамияти хоссе дорад, ҳеҷ ҳолати он аз партави аҳкоми шариат канор намондааст.

2. Агар дар чоҳ гове ё гӯсфанде ё гурбае ё саге ё ҳайвони дигаре ва ё одаме пешоб кунад, оби он наҷис мешавад ва бояд тамоми оби он кашида шавад.

3. Агар чоҳ чашмасор аст, ки кашидани оби он душвор мебошад, аввал бояд андозагирӣ шавад, он гоҳ ба ҳамон миқдор об кашида шавад. Мас., аввал пай дар пай ҳудуди панҷоҳ сатил об бикашанд ва бубинанд, ки об чӣ андоза кам шудааст, сипас ба ҳамон миқёс ва андоза об кашида шавад. Агар панҷоҳ сатил ба миқдори як метр оби чоҳро кам намояд ва чоҳ, мас., панҷ метр об дошта бошад, барои чаҳор метри дигар дусад сатил об кашида шавад.

4. Шахсе, ки бар вай ғусл воҷиб гардида, барои берун овардани сатил ба чоҳ фурӯ равад, дар сурате ки бар бадани вай наҷосати зоҳирӣ набошад, оби чоҳ наҷис намешавад. Ҳукми кофире, ки ба чоҳ фурӯ шавад, низ ҳамин аст. Агар бар бадани беруноварандаи сатил наҷосати зоҳирӣ бошад, оби чоҳ наҷис ва кашидани тамоми оби он воҷиб мегардад.

5. Агар бузе ё муше дар чоҳ афтад ва зинда берун оварда шавад, оби чоҳ пок аст, дар сурате ки бадани онҳо бо наҷосате олуда набошад.

6. Агар гурба мушеро захмӣ намояд ва муш аз чангаш наҷот ёфта, ба чоҳ афтад, оби он наҷис мешавад ва тамоми он бояд кашида шавад.

7. Агар думи муше ё калтакалосе қатъ гардида, ба чоҳ афтад, тамоми оби он бояд кашида шавад.

8. Агар дар чоҳ чизе афтад ва бо вуҷуди тамоми кӯшишҳо натавонанд онро берун оваранд, дар ин ҳолат бояд мулоҳиза шавад, ки худи он чиз пок аст ё не.

Агар худи он чиз пок бошад, вале наҷосате ба он расида бошад, бо кашидани миқдори оби муқарраргардида аз чоҳ, оби он пок мегардад. Пас аз он ҳама саъйу кӯшиш, боқӣ мондани он дар чоҳ муоф (бахшуда) мебошад. Аммо агар чизи дар чоҳ афтода худ наҷис бошад, монанди муш, ҳайвони худмурда ва ғайра, дар ин сурат то вақте ки ба пӯсидан ва нобуд гардидани он яқин ҳосил нагардад, оби чоҳ ҳамчунон наҷис боқӣ мемонад. Пас аз яқин гардидани нобудии он тамоми оби чоҳ кашида мешавад[1] ва об бо ҳамин пок мегардад.

а) Ҳамин ки оби чоҳ бо кашидани миқдори муқарраргашта пок гардид, деворҳои чоҳ, ресмон, сатил ва дигар васоили обкашӣ ҳама пок мегарданд ва такроран шуста намешаванд.

б) Сатилҳое, ки мувофиқи ҳолатҳои гуногун муқаррар гардидааст, пас аз берун овардани лошаи ҳайвони афтода ба ҳисоб меоянд.

в) Эътибор ҳамон сатилест, ки аз чоҳ бо он об кашида мешавад. Аз ин рӯ, вақте дар ҳолати поксозии оби чоҳ бо сатили бузургтар ё хурдтар ғайр аз сатили худи чоҳ об кашида шавад, бояд бо сатили худи чоҳ шуморида шавад.

г) Наҷосате, ки дар чоҳ афтидааст, ҳарчанд андак ҳам бошад, ба монанди қатраи хуне, чакраи шароб (арақ)-е ё қатра ва пошидаи пешобе, кашидани тамоми оби чоҳ лозим аст.

ғ) Агар ҳайвони наҷасулъайне, ба монанди хук, дар чоҳ биафтад, чӣ дар он бимирад ва чӣ зинда берун оварда шавад, дар ҳар ду ҳолат барои пок гаштани оби чоҳ тамоми оби он кашида мешавад.

д) Ҳайвоне, ки дар чоҳ афтодааст, наҷасулъайн набуда, вале пасхӯрдаи он ҳаром ва нопок бошад, дар ин ҳолат низ тамоми оби чоҳ бояд кашида шавад.

е) Агар хар, хачир, паррандаи лошахӯр ва ё зоғе дар чоҳ афтад ва зинда берун оварда шавад, дар сурате ки бадани онҳо ба наҷосате олуда набошад, об наҷис (нопок) намегардад, ин ҳам то вақте аст, ки даҳони онҳо ба об нарасида бошад. Ҳамин ки оби даҳони онҳо ба оби чоҳ омехта гашт, об ҳукми пасхӯрдаи онҳоро мегирад.

ё) Оби чоҳ ҳам ба монанди дигар обҳо бо мурдани ҳайвоноте, ки хуни равон надоранд, ба мисли пашша, магас, занбӯр, ақраб (каждум) ва ғайра наҷис намегардад. Ҳамчунин бо мурдани ҳайвоноти обӣ, ба монанди моҳӣ, қурбоққа, харчанг ва ғайра наҷис намегардад.

ж) Бо афтодани саргини тар ё хушк, шикаста ё ношикастаи асп, хар, хачир, пушки шутур, гӯсфанд, оҳу ва саргини гову говмеш дар чоҳҳои саҳроҳо оби онҳо наҷис намегардад, магар дар сурате ки он пушк ва саргин ба андозае бисёр бошад, ки ҳеҷ сатили обе холӣ аз он барнаояд, дар чунин ҳолат оби чоҳ наҷис мегардад.[2]

[1] Мақсад аз кашидани тамоми оби чоҳ ин аст, ки об то замоне кашида шавад, ки дигар сатил аз об пур нагардад ва пас аз андохтан то нисф ё поинтар аз камар об берун ояд.

[2] Дар ривоятҳои зоҳири мазҳаб танҳо пушки шутур ва гӯсфанд зикр шуда, вале фуқаҳои мутааххир саргини ҳайвоноти дигари зикршуда дар матнро аз рӯи зарурат ба он илҳоқ кардаанд (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 66–67; Фатҳулқадир. – Ҷ. 1. – С. 104).

ОБИ РОКИД (ҚАРОР)

Оби рокид оби беҳаракатест, ки на ҳукми оби равонро дорад ва на ҳукми оби чоҳро ва ҳамчунин аз масоҳати ҳавзи даҳ дар даҳ гази шаръӣ хурдтар мебошад, ба монанди кӯлмакҳо, ҳавзчаҳои сарбастаи хурд, обҳои дар зарфҳо гирифташуда ва ғайра. Ин об бо афтодани ҳар гуна наҷосати хурду бузурге дар он наҷис мегардад ва дигар ҳеҷ роҳе барои пок сохтан надорад. Зеро ҷараён ва ҳаракати оби равон асари наҷосатро аз байн мебарад.

Ҳавзи бузург аз он ҷо ки масоҳат ва ҳаҷми зиёди обро дар бар мегирад, наҷосат дар тамоми бахшҳои он сироят намекунад ва оби чоҳ бо кашидани обаш пок мегардад. Вале оби рокид ва беҳаракат аз ҳамаи ин хусусиятҳо холӣ мебошад.

Бинобар ин, паёмбар (с) ба ҳифз ва нигаҳдории муҳити солими обҳо аз ҳар гуна нопокие амр фармудааст: ***«Ҳеҷ кадоме аз шумо дар оби истодае (рокиде), ки ҳаракат ва ҷараён надорад ва онро барои ғуслу шустушӯи худ истифода мебарад, бавл накунад»***.[1]

Ҳамчунин мефармояд: ***«Ҳангоме ки касе аз шумо аз хоб бархост, то замоне ки дастҳои худро се бор нашуста бошад, онҳоро дар зарфи об фурӯ набарад, зеро намедонад, ки дасти вай шаб дар куҷо будааст»***.[2]

АҲКОМИ ПАСХӮРДА

1. Пасхӯрда обест, ки пас аз ошомидани одам ва ё ҳайвоне дар зарф, чоҳ ва ғайра боқӣ мондааст. Ин об бо дарназардошти он ҳайвоне, ки аз он ошомидааст, аҳкоми гуногуне дорад ва покию нопокии он ба ҳалолӣ ва ҳаромӣ ва андозаи кароҳияти гӯшти он ҳайвонот бастагӣ дорад. Пасхӯрда дар сурати ҳаром буданаш ҳам оби ҷорӣ ва оби ҳавзи бузургро наҷис (нопок) намегирдонад, зеро он обҳо бо олудани оби даҳони ҳайвонот наҷис намегардонад, чӣ тавре бо афтодани дигар наҷосатҳо нопок намегаштанд.

2. Пасхӯрдаи одамӣ дар сурате пок аст, ки шароб нанӯшида бошад ё аз дандонҳояш хун набаромада бошад ва ё ба пурии даҳон қай (истифроғ) накарда бошад. Агар чунин бошад, то замоне ки даҳонашро се бор нашӯяд ва ё оби даҳонашро чанд бор фурӯ набарад ва пасмондаи он чизҳои наҷис аз лабону даҳонаш пок нагарданд, пасхӯрдааш ҳамчунон наҷис боқӣ мемонад.[3]

3. Аз он ҷое, ки ҳукми арақи бадани ҳар ҳайвон ҳукми пасхӯрдаи онро дорад, бинобар ин, пас-

---

Ба гуфтаи Нӯҳ Афандӣ, саргини асп, хачир ва харро дар урфи фуқаҳо равс, саргини гов ва филро хисӣ, пушки шутур ва гӯсфандро баър, ахлоти паррандагонро хуръ, ахлоти сагро наҷв ва ахлоти одамиро азира гӯянд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 422).

Фуқаҳо миҳлаб – зарфи ширҷӯширо дар ин масъала ба чоҳ қиёс кардаанд, ба ин сурат ки агар ба ҳангоми ҷӯшидани шир чанд донае пушки шутур ё гӯсфанд ба миҳлаб афтад ва онро фавран – пеш аз таъсир ва зуҳури осораш дар шир гирифта партояд, он шир ҳалол аст, зеро он зарурате аст, ки аз он эҳтиёт кардан ниҳоят душвор аст, зеро онҳо одатан дар вақти ҷӯшидан саргин мекунанд. Аммо агар пушки онҳо дар ғайри вақти ҷӯшидан ба зарфи шир афтад, ба мисли дигар наҷосатҳое, ки дар зарфҳо меафтанд, онро наҷис мегардонад.

Оби чоҳҳои биёбонҳо ва даштҳои беодам аз рӯи истеҳсон ва бо назардошти зарурат бо афтодани пушк ва саргини он ҳайвонот наҷис ҳукм нашудааст, зеро чоҳҳо дар он ҷо доим болокушода (бесарпӯш) ҳастанд ва ҳайвонот одатан дар лаби онҳо саргин мекунанд ва бод онҳоро ба чоҳҳо меафканад, бар хилофи чоҳҳои мавҷуд дар шаҳрҳо, ки маъмулан сарпӯшида ва рӯи онҳо баста аст, вале соҳиби «Радд» миёни чоҳҳои сарпӯшида дар шаҳрҳо ва чоҳҳои кушода дар саҳроҳо дар ин масъала фарқе нагузошта, ҳукми ҳар дуро дар зарурат яксон ва ин қавлро саҳеҳ донистааст (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 66–67; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 422).

Агар маҷрои гузари фозилоб (канализатсия) ё чоҳи он ба чоҳи обе наздик бошад ва аз таъсири он яке аз васфҳои сегонаи об – ранг, бӯй ё таъм (мазза)-аш тағйир ёбад, оби он наҷис мегардад. Дар миқдори масофаи дурие, ки монеи расидани таъсири фозилоб ба оби чоҳи ошомиданӣ мегардад, миёни фуқаҳо ихтилофи назар вуҷуд дорад. Дар ривояте онро панҷ зироъ ва дар ривояти дигаре ҳафт зироъ гуфтаанд, вале Ҳалвонӣ аз фуқаҳои мазҳаб онро ба нармӣ ва сахтии замин марбут донистааст. Агар таъсири он дар яке аз васфҳои оби чоҳ зоҳир шавад, пас даҳ зироъ ҳам кофӣ нест. Дар «Хулоса» ва «Фатовои Хония» омадааст, ки эътимод бар ҳамин қавл аст ва дар Муҳит онро тасҳеҳ кардааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 423).

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 239; Саҳеҳи Муслим, 654, 655; Сунани Абудовуд, 69; Сунани Тирмизӣ, 68; Сунани Насоӣ, 57, 58, 221, 398.

[2] Саҳеҳи Муслим, 641, 644; Сунани Абудовуд, 105; Сунани Тирмизӣ, 24; Сунани Насоӣ, 1, 161; Сунани Ибни Моҷа, 392.

[3] Зайнуддин ибни Иброҳим ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Нуҷайми Ҳанафӣ, Баҳру-р-роиқ. Ҷ. 1.– Бейрут, 2002. – С. 277. Минбаъд: Баҳру-р-роиқ. Аллома Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз, Ҳошияи Ибни Обидин маъруф ба «Радду-л-муҳтор». Ҷ. 1.– Бейрут, 1998. – С. 149. Минбаъд: Радду-л-муҳтор.

хӯрдаи одамӣ, чӣ мусулмон бошад, чи кофир,[1] чи ҳоиз бошад,[2] чи нуфасо ва чи ҷунуб,[3] дар тамоми ин ҳолатҳо пок аст ва оби даҳонаш пок мебошад.

Аммо шахсе, ки ба шаробнӯшӣ одат кардааст ва ҳамеша ин амали зиштро содир менамояд, яъне шаробхора гардидааст, арақи (бадани) вай наҷис мебошад. Ба либос ва ҳар чизе бирасад, онро наҷис месозад.[4] Аммо арақи бадани ҳоиз, нуфасо ва ҷунуб, ба шарте бо наҷосати дигаре олуда набошад, пок аст.

4. Гурба низ дар сурати хӯрдани муш, агар фавран даҳонашро дар оби зарфе дохил намояд, обро наҷис мегардонад, зеро оби даҳонаш наҷис гардидааст. Вале агар андаке истод ва лабҳову даҳонашро бо оби даҳонаш шуст ва наҷосатро аз онҳо дур сохт, дар ин вақт оби даҳонаш поки бо кароҳият мегардад.[5]

5. Пасхӯрдаи одамӣ, пасхӯрдаи асп ва дигар ҳайвоноти ҳалолгӯшт, дар сурате даҳони онҳо бо наҷосате олуда набошад, пок ва тоҳир аст.

6. Пасхӯрдаи гурба, мурғи кӯчагард, паррандаҳои ваҳшӣ ва ҳашарот ва мавҷудоте, ки дар хонаҳо сукунат доранд, ба монанди мор, муш, калтакалос, каждум ва ғ. макрӯҳ аст. Ин ҳам дар сурате аст, ки даҳони онҳо бо наҷосате олуда набошад.[6]

7. Пасхӯрдаи ҳайвоноти ваҳшӣ, мисли шер, паланг, гург ва ғайра наҷис аст ва дар пасхӯрдаи хар ва хачир шак аст, ки оё пок аст ё не. Аз ин рӯ, агар обе ба ғайр аз пасхӯрдаи ин ду ҳайвон (хар ва хачир) вуҷуд надошта бошад ва мо маҷбур шудем ба он об вузӯ намоем, дар он ҳолат бояд баъд аз вузӯ кардан бо оби мазкур таяммум ҳам намоем.[7]

Пасхӯрдаи хук ва саг наҷис мебошад.

Ҳукми арақи бадани ҳар ҳайвон мисли пасхӯрдааш мебошад.

---

[1] Ривоят шудааст, ки «*барои расули Худо (с) дар қадаҳе шир оварданд. Вақте он Ҳазрат (с) аз он нӯшид, Умар гуфт: Онро ба Абубакр бидеҳ. Он Ҳазрат (с) зарфи ширро ба аъробие, ки дар тарафи росташ нишаста буд, дод ва фармуд:* ***«Аз рост (ба он тараф)»****. Пас аз он аз пасмондаи он аъробӣ Абубакр (рз), ки дар тарафи чапи паёмбар (с) нишаста буд, нӯшид»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 2225; Саҳеҳи Муслим, 124). Дар ин ҷо манзур аз аъробӣ шахси мушрик мебошад.

[2] Ривоят шудааст, ки *«расули Худо (с) аз Оиша либос ё чизе хост. Оиша гуфт: Ман дар ҳайз ҳастам. Он Ҳазрат (с) фармуд:* ***Ҳайзи ту дар дастат нест»***, яъне дастат пок мебошад. Манзур он аст, ки ҳайз нопокии ҳукмӣ мебошад ва ҳеҷ гоҳ бадани одамро ба наҷосат ва нопокии ҳақиқӣ табдил намедиҳад (Саҳеҳи Муслим, 688, 689; Сунани Абудовуд, 261; Сунани Тирмизӣ, 134; Сунани Насоӣ 271, 382; Сунани Куброи Насоӣ, 266; Сунани Ибни Моҷа, 632).

[3] Ривоят шудааст, ки *«расули Худо (с) аз Абуҳурайра пурсид:* ***Дар кучо будӣ?****. Гуфт: Ман дар ҳолати ҷанобат будам ва дӯст надоштам (бо он ҳолат) ҳамроҳи ту билнишинам. Паёмбар (с) фармуд:* ***Субҳоналлоҳ, муъмин наҷис (ва нопок) намешавад»***, яъне ҷанобат ин наҷосати ҳукмӣ аст ва ҷисми одамро ба наҷосати ҳақиқӣ табдил намедиҳад (Саҳеҳи Бухорӣ, 279, 281; Саҳеҳи Муслим, 371).

[4] Дар «Дурру-л-мухтор» омадааст: Арақи шахси шаробхора вузӯро мешиканад…, хулосааш он қавлест, ки дар «Захоири Ашрафия»-и Ибни Шӯҳна зикр гардида ва ба Муҷтабо нисбат дода шудааст: «*Арақи мурғи кӯчагард наҷис аст».* Мегӯяд: Бар ҳамин қиёс арақи шахси шаробхора низ наҷис ва ба наҷас будан лоиқтар аст (Ба нақл ва каме тасарруф аз «Маҳмуду-л-фатово». Ҷ. 1. – С. 4, 5. Аллома Муфтӣ Худоназар. Маҳмуду-л-фатово. – Зоҳидон, 2004. Минбаъд: Маҳмуду-л-фатово. «Радду-л-муҳтор». Ҷ. 10. – С. 483).

Вале соҳиби Радд ба нақл аз устодаш Хайри Рамлӣ ин қавл – наҷис ва ноқизи вузӯ будани арақи шахси шаробхораро заъиф ва хилофи ривоят ва дироят гуфтааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 286. – Ҷ. 10. – С. 484).

[5] Соҳиби Ҳидоя мегӯяд: *Ҳар гоҳ гурба мушеро бихӯрад ва пас аз он фавран об бинӯшад, об наҷис мегардад. Магар дар сурате ки соате мукс намуда, даҳонашро бо луъобаш бишӯяд ва баъд аз он об бинӯшад, об наҷис намешавад.*

[6] Ислом дар ҳолати зарурат ва гирифториҳои ҳалнопазири одамӣ сабукиҳо ва роҳиҳалҳои муносиби дигареро дар назар гирифтааст ва мардумро аз ҳарач дар зиндагӣ ва вартаи сахтиҳо берун овардааст. Ба таври мисол, ҳамин гурбаву муш ва дигар ҳайвоноте, ки зикрашон гузашт, аслан гӯшташон ҳаром мебошад., вале бо риояи ҳолати зарурат ва барои сабукӣ ба мардум оби даҳон, арақи бадан ва пасхӯрдаи онҳо макрӯҳ ҳукм карда шудааст, на ҳаром.

Ин ҳайвонот бархе дар хонаҳо ҳамроҳи одам зиндагӣ мекунанд ва баъзеи дигар бе ягон мумониат метавонанд вориди хонаҳо гарданд ва эҳтимол дорад ба ҳар чизе нӯл бизананд ва ҳеҷ гуна халосие аз онҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, шариати ислом бо дарназардошти чунин ҳолат ҳукми оби даҳон ва пасхӯрдаи онҳоро аз дараҷаи ҳаромӣ ба мартабаи кароҳият поин овардааст.

[7] Хар ва хачир дар ибтидои ислом, то ҷанги Хайбар аз ҷумлаи ҳайвоноти ҳалолгӯшти хонагӣ ба шумор мерафтанд. Пас аз ғалаба дар ҷанги Хайбар гӯшти онҳо ҳаром ҳукм карда шуд. Пас аз он низ вақте бар хар савор мешуданд ва харҳо арақ мекарданд, арақи бадани онро нопок намедонистанд. Ҳол он ки гӯшти ҳар ҳайвоне ҳаром бошад, арақи баданаш низ ҳамон ҳукмро дорад.

Бинобар ин, дар оби даҳон ва пасхӯрдааш низ шак воқеъ шуд, ки ҳукми гӯшташро дошта бошад ё ҳукми арақашро? Бо дарназардошти заруратҳои ҳаёти мардум фақеҳони киром оби даҳон ва пасхӯрдаи хару хачирро на ҳароми мутлақ ва на ҳалоли мутлақ, балки машкук донистаанд, ки он навъе аз покиҳо мебошад.

Фасли панҷум

ТАЯММУМ

Ҳамон тавре гуфта шуд, Худованд обро асл ва асоси поккунанда барои мардум қарор додааст ва ҳеҷ чизе наметавонад ҷойгузини он гардад, магар ин ки Худованд боз чизеро барои ин амри ҳаётан муҳим таъйин намояд. Худованд дар зимни зарфиятҳо ва густараи қонунгузории худ тамоми ниёзҳои навъи башар ва ҳолатҳои гуногуни ҳаёти инсонро зери пӯшиш ва мавриди расидагӣ қарор додааст.

Пас ба хотири ин ки одамӣ, ки гоҳе ба сабаби дар дастрас надоштани об ва ё ба сабаби беморӣ, захмдорӣ ва як силсила иллатҳои дигар, аз истифодаи об маҳрум мегардад, ҳамвора роҳе барои покӣ ва ҳузур дар пешгоҳи бандагии Худованд дошта бошад ва ҳеҷ гоҳ аз лаҳзаҳои гуворои ибодат дар канор намонад, барои вай таяммумро машрӯъ ва сатҳи рӯи заминро, ки шомили хок, рег, санг, шӯрахок ва ғайра аст, пок ва поккунанда гардонидааст. Вақте дар дастраси одамӣ обе вуҷуд надошта бошад ва ё аз сабабҳои беморӣ, захмдорӣ, сардӣ ва ғ., натавонад аз он истифода намояд, аз сатҳи поки замин барои поксозии худ истифода менамояд.

Худованд дар давоми ояти шашуми сураи Моида, пас аз баёни фарзияти ғусл ва дар бахше аз ояти 43-юми сураи Нисо мефармояд:

وَإِن كُنتُم مَّرْضَىٰٓ أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوْ جَآءَ أَحَدٌ
مِّنكُم مِّنَ ٱلْغَآئِطِ أَوْ لَـٰمَسْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمْ
تَجِدُوا۟ مَآءً فَتَيَمَّمُوا۟ صَعِيدًا طَيِّبًا فَٱمْسَحُوا۟
بِوُجُوهِكُمْ وَأَيْدِيكُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوًّا غَفُورًا

«Ва агар бемор ё мусофир бошед ё касе аз шумо аз қазои ҳоҷат баргардад ва ё бо занони худ наздикӣ (ва омезиш) намоед (ва барои поксозии худ дар ҳеҷ яке аз ин мавридҳо) обе наёбед, пас қасди хоки пок намоед ва ба рӯйҳо ва дастҳоятон (бо он) масҳ кашед. Худованд воқеан ҳам, афвкунандаи омурзгор аст».

Паёмбари ислом (с) мефармояд: ***«Хоки поки сатҳи замин поккунандаи мусулмон аст, агар то даҳсолаҳо об наёбад»***.[1]

Дар ҳолатҳои зерин ба ҷои вузӯ ва ғусл таяммум карда мешавад:

1. Пайдо накардани об дар масофаи камтар аз як мил.[2]

2. Ба хотири беморие, ки истифода аз об дар он зараровар аст.

3. Ба хотири сармои сахт.

4. Ба хотири тарс аз душман ва ё чизи дигар, ки хатари ҷонӣ дорад.

5. Ҳангоми хавф аз ташнагӣ.

6. Он ҷое, ки барои ба даст овардани об воситаҳои обкашӣ мавҷуд набошанд.

7. Ҳангоми хавфи аз даст рафтани намозе, ки қазо надорад, ба монанди намози ид ва намози ҷаноза – тангии вақт дар намозҳое, ки пас аз фавт қазое надоранд ва он аз фарзҳои кифоя, ба монанди ҷаноза, намозҳои воҷиб, ба монанди идайн ба ҷуз витр ва намозҳои суннате, ки машрӯияти онҳо ба сабабе марбут аст, ба монанди намози кусуф, истисқо ва ғ., иборат аст. Мас., шахсе ба намози ид ҳозир шавад ва бими он дошта бошад, ки агар ба таҳорат кардан машғул шавад, намози ид фавт мегардад, дар он сурат бояд таяммум карда, намози идро ҳамроҳи имом адо намояд. Ва айни ҳамин ҳолат аст, агар ба намози ҷаноза ҳангоми оғози он ҳозир шуда бошад, вале ин амр дар сурате аст,

[1] Сунани Абудовуд, 332, 333; Сунани Тирмизӣ, 124; Сунани Насоӣ, 321; Муснади имом Аҳмад, 20797, 20798. Ҷ. 6. – С. 179, 180, 20863. Ҷ. 6. – С. 193, 21058. Ҷ. 6. – С. 230.

[2] Мил дар шаръ сулс (сеяк)-и фарсанг аст ва сулси фарсанг чаҳор ҳазор қадам аст. Бо воҳидҳои ченаки масофаи муосир як мил ба 1680 м баробар аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 14. – С. 255).

ки ӯ валии (соҳиби) ҷаноза набошад. Зеро валӣ метавонад намози ҷанозаро ба таъхир андозад ва вузӯ намояд. Таяммум дар ин ҳолат низ барои вай ҷоиз нест.

Хавфи фавт дар суннатҳои ротиба – суннати пас аз фарзи пешин, шом, хуфтан ва ҷумъа низ таяммумро барои намозгузор ҷоиз мегардонад ва ин вақте аст, ки агар онҳоро барои вузӯ гирифтан ба таъхир андозад, фавт мешаванд. Барои суннати бомдод ҳам агар аз фавти он ба танҳоӣ – бе фарз хавф барад, таяммум ҷоиз аст ва ин ду сурат дорад: а) агар мунтазири оби вузӯ шавад, танҳо барои баргузории фарз вақт мемонад ва дигар суннатро дарк карда наметавонад, дар ин ҳолат суннатро бо таяммум мегузорад ва барои фарз вузӯ мегирад,[1] б) суннат ва фарзи бомдод ҳар ду фавт шуда бошанд ва аз завол вақте ҷуз ба андозаи ду ракъат намоз намонда бошад, дар ин ҳолат қазои ду ракъат суннати бомдодро бо таяммум мегузорад ва барои фарз вузӯ мегирад ва онро пас аз завол қазо меоварад. Зеро суннати бомдод вақте ҳамроҳ бо фарз қазо гардад, танҳо то завол ба ҷой оварда мешавад.[2]

Аммо он намозҳое, ки пас аз фавт шудан қазо ва ё ҷойнишине доранд, ба монанди фарзи намозҳои панҷвақта, намози витр ва намози ҷумъа, тибқи зоҳири ривоятҳои мазҳаб таяммум ба сабаби тангии вақт ва фавт шудан дар онҳо ҷоиз намебошад. Зеро фарзи намозҳои панҷвақта ва витр (назди аиммаи ҳанафӣ) пас аз фавт шудан қазо дошта мешаванд ва намози ҷумъа ҷояшро ба пешин медиҳад. Ба қавле, ки он назари имом Зуфар (рҳ) аст, дар ҳолати хавфи фавт шудани вақт дар намозҳои фарз низ таяммум ҷоиз мебошад.

Ҳалабӣ дар Шарҳи Муня фармуда, ки эҳтиёт он аст, ки дар ин ҳолат низ таяммум намояд ва намозҳояшро бигузорад ва пас аз вузӯ кардан онҳоро иъода намояд ва Ибни Амирҳоҷҷи Ҳалабӣ дар Ҳиля шарҳи Муня мисли онро зикр намудааст ва соҳиби Рад(д) ба нақл аз Абунасри ибни Салом – яке аз бузургони аиммаи ҳанафӣ дар Тоторхония ва аз каломи Ибни Ҳумом – соҳиби Фатҳ қавли имом Зуфар (рҳ) ва назари Ҳалабиро дар Муня тарҷеҳ додааст.

Шояд ин машоих ба сабаби қуввати далели қавли имом Зуфар (рҳ) амал ба онро ихтиёр карда бошанд ва он ин аст, ки таяммум аслан ба хотири ниёз ба адо намудани намоз дар вақташ машрӯъ гардидааст, пас ҳангоми хавфи фавт шудани вақти намоз низ метавонад таяммум намояд.[3] Вале аз он ҷо ки ин таяммум дар ҳолати вуҷуди об таҳорати ноқис аст, намози фарзе, ки бо он гузорида шудааст, аз зиммаи намозгузор ба таври комил соқит намегардад ва онро бояд пас аз вузӯ гирифтан иъода намояд.

ТАРИҚАИ ТАЯММУМ КАРДАН

Худованд дар ду ояти зикргардида дар зимни баёни машрӯият ва фарзияти таяммум, ба нуқтаҳои зерин ишора намудааст:

1. Дар чӣ ҳолатҳо банда метавонад таяммум намояд: беморӣ, сафар, пайдо накардани об ва ғайра.

2. Таяммум дар ивази вузӯ ва ғусл ҳар ду кифоят мекунад.

3. Таяммум бо масҳ кашидани рӯй ва дастҳо сурат мегирад.

Вале чӣ гуна таяммум намудан ва аз хоки поки сатҳи замин барои таяммум чӣ тавр истифода бурдан дар иршодоти расули акрам (с) омадааст.

Аммор ибни Ёсир (рз) мефармояд: ***«Ман ҳам дар миёни мардум будам, вақте амр ба таяммум дар ҳолати набудани об нозил гардид. Расули Худо (с) ба мо дастур дод, ки як бор барои масҳи рӯй дастҳоямонро бар замин бизанем ва як бори дигар барои масҳи ҳар ду даст бо оринҷҳо дастҳоро бар замин бизанем».***[4]

Аз Аммор ибни Ёсир (рз) боз ривоят шудааст, ки *«Боре ҷунуб шудам ва обе пайдо на-*

[1] Хавфи фавти суннати бомдод бар **қ**иёси **қ**авли имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) аст, аммо бар **қ**иёси **қ**авли имом Муҳаммад (рҳ) таяммум барояш ҷоиз намебошад ва агар бо машғул шудан ба ҷамоат фавт шавад, онро пас аз баланд шудани офтоб **қ**азо медорад ва назди онҳо дигар **қ**азо дошта намешавад.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 457.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 461 ,462.

[4] Абубакр Аҳмад ибни Амр ибни Абдулхолиқи Аткӣ маъруф ба Баззор, Муснади Баззор (Албаҳру-з-заххор), 1384. – Ҷ. 4. – С. 221. – Бейрут, 1409 ҳ. (1989 м.). Минбаъд: Муснади Баззор.

Ҳофиз Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ дар «Дироя» овардааст: Баззор онро бо исноди ҳасан ривоят намудааст. Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Аддироя фӣ тахриҷи аҳодиси-л-Ҳидоя. Ҷ. 1. – С. 67. – Бейрут. Минбаъд: Дироя.

кардам. Пас худамро ба рӯи замин молидам ва намоз хондам. Пас аз он ҷараёни корро барои паёмбар (с) нақл кардам. Паёмбар (с) фармуд: ***Кофӣ буд, ки чунин мекардӣ ва паёмбар (с) ду кафи дасташро бар замин зад (ва онҳоро бардошта), дар онҳо пуф кард. Сипас бо онҳо рӯй ва кафи ду дасташро масҳ кашид».***[1] Ва дар баъзе роҳҳои дигари ин ҳадис дар назди Бухорӣ ва Муслим омадааст: ***«Он гоҳ бо дасти чап бар рост ва беруни каффаш ва ба рӯяш масҳ кашид».***

Аз Ибни Умар (рз) ва аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Таяммум ду зарба аст. Яке барои (масҳи) рӯй ва дигаре барои (масҳи) дастҳо бо оринҷҳо».***[2]

Таяммумкунанда аввал ба хотири адои намоз ният мекунад ва сипас ду дасти худро ба рӯи ҳар чизи поке, ки аз ҷинси замин бошад, зада, рӯи хешро масҳ мекашад.

Баъд аз ин бори дуюм дастҳои худро ба он чизи пок зада, дасти росташро аз сари ангуштон то охири оринҷ бо дасти чап ва баъд дасти чапашро бо дасти рост ҳамин тавр масҳ мекашад.

АҲКОМИ ТАЯММУМ

Таяммум бо ҳар чизи поке, ки аз ҷинси замин аст, анҷом дода мешавад, ба монанди рег, гач, оҳак, сурма ва санг, агарчанде ғубор надошта бошад.

Таяммумкунанда метавонад пеш аз вақти намоз ва низ қабл аз талаби об аз ҳамроҳи худ таяммум намояд. Аз ин рӯ, воҷиб нест, ки мунтазири фарорасии вақти намоз бошад ва ё обро аз ҳамроҳаш талаб намуда, баъд таяммум намояд.

Барои касе, ки умед дорад шояд об пайдо кунад, мустаҳаб аст намозашро то охири вақт ба таъхир андозад. Шахсе, ки гумони зиёд дорад, ки дар наздикиаш об вуҷуд дорад, воҷиб аст дар масофае то 200 метр дунболи об бигардад ва вақте об пайдо накард, он гоҳ таяммум намояд.

Иъода (аз сар хондан)-и намоз барои он касе, ки бо таяммум намозашро хонда, вале

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 338-347; Саҳеҳи Муслим, 816-819 (368)-110-113; Сунани Абудовуд, 321, 322; Сунани Насоӣ, 315, 316, 317, 318, 319; Сунани Куброи Насоӣ, 302; Муснади имом Аҳмад, 17865, 17868, 17870. – Ҷ. 5. – С. 228, 229. Ҳадис муттафақун алайҳ аст.

Чӣ тавре дар ин ҳадис мебинем, паёмбар (с) дастони худро як бор ба замин задааст. Ҳамин тавр ривоятҳои дигаре низ омадаанд, ки ба як зарба будани таяммум далолат доранд. Аммо дар ривоятҳои баъдӣ ва осори собитшуда аз баъзе саҳобагон ва тобеин хоҳем дид, ки барои ду зарба будани таяммум низ ривоятҳои зиёде ворид шудааст.

2 Мустадраки Ҳоким, 634, 635, 636, 637, 638. – Ҷ. 1. – С. 287, 288. Ҳоким исноди ҳадиси 637-умро саҳеҳ гуфта, дар бораи ривоятҳои дигар сукут кардааст. Сунани Куброи Байҳақӣ, 1029. – Ҷ. 1. – С. 354, 1030. – Ҷ. 1. – С. 354; Байҳақӣ низ исноди онро саҳеҳ гуфтааст. 1031, 1032. – Ҷ. 1. – С. 354; Сунани Дорақутнӣ, 14, 16. – Ҷ. 1. – С. 179, 180; Муъҷаму-л-кабир, 13366. – Ҷ. 12. – С. 281. Дорақутнӣ санади ривояти Ҷобирро ҳасан ва мавқуф гуфтааст (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 468). Аз Аммор ибни Ёсир (рз) низ ривояти саҳеҳе ба ҳамин маъно ворид шудааст. (Сунани Ибни Моҷа, 571; Муснади имом Аҳмад, 18412. Ҷ. 5. – С. 419).

Дар оят тафсилоти комил барои таяммум наомадааст ва ҳадисҳои ривоятшуда дар ин боб гуногун ва баъзан бо ҳам мутаориз мебошанд. Бинобар ин, фақеҳони уммат дар мавридҳои зерин назарҳои бо ҳам мухталиф доранд: а) дар мавриди зарбаҳои он ду қавли маъруф вуҷуд дорад: 1. ду зарба, яке барои масҳи рӯй ва дигаре барои масҳи дастон то оринҷҳо ва ин назари аиммаи ҳанафӣ ва шофеъӣ мебошад ва ҳар ду зарба фарз ҳастанд, назари Ибни Умар (рз), Ҷобир (рз), Иброҳими Нахаъӣ, Ҳасан ва чанд тани дигар аз саҳоба ва тобеин низ ҳамин аст. 2. як зарба барои масҳи рӯй ва дастон ва ин назари имом Аҳмад ва оммаи аҳли ҳадис аст ва зарбаи дуввум назди онҳо ҷоиз аст, назари Алӣ (рз), Аммор (рз), Ибни Аббос (рз) ва чандин нафари дигар аз саҳоба ва тобеин низ ҳамин аст, назди аиммаи моликӣ он ду зарба аст, вале аввалӣ фарз ва дуввумӣ суннат аст; б) Дар мавриди миқдори масҳи дастон низ ду қавл вуҷуд дорад, яке то банд (муч)-и дастон, ки ин назари аиммаи моликӣ ва ҳанбалӣ мебошад ва дигаре то оринҷҳо ва ин назари машоихи ҳанафӣ ва шофеъӣ аст.

Шоёни зикр аст, ки онҳое, ки таяммумро як зарба ва то банди даст гуфтаанд, ду зарба ва то оринҷҳоро низ ҷоиз ва ваҷҳи акмал донистаанд ва аҳодисеро, ки дар ин бора собит шудаанд, ҳарчанд дар сиҳҳат ва қувват ба дараҷаи аҳодиси қавли аввал набошанд ҳам, ба эътибор гирифтаанд (Фатҳу-л-борӣ. Ҷ. 2. – С. 25-48; Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 14. – С. 253-254). Аз ин рӯ, Ибни Моҷа дар Сунани худ ду боб, яке барои ин ки таяммум як зарба аст ва дигаре барои ин ки таяммум ду зарба аст, кушода ва барои ду зарба будани он низ ҳадиси саҳеҳе ривоят кардааст.

Дар аҳодисе, ки дар Саҳеҳайн аз Аммор (рз) ва Абуҷуҳайм (рз) бо роҳҳои гуногун ривоят шудаанд, барои таяммум як зарба ва масҳи пушту каффи дастон зикр шудааст, ки аксари фақеҳони қоил ба ин қавл онро то банди даст донистаанд. Аммо аҳодиси ду зарба ва то мирфақайн (оринҷҳо) будани таяммум дар китобҳои Сунан ва бақияи матнҳои ҳадисӣ, ба монанди Сунани Абудовуд, Сунани Насоӣ, Сунани Ибни Моҷа, Сунани Куброи Байҳақӣ ва ғ. омадаанд.

баъд аз адои намоз ба ёдаш омад, ки дар байни борҳояш об ҳаст, воҷиб намебошад.

Бо як таяммум ҳар гуна намози фарз ва нафл ва чанд вақт намозро метавонад бихонад. Зеро таяммум бо баромадани вақт намешиканад

ФАРЗҲОИ ТАЯММУМ

Дар таяммум се фарз аст:

1. Ният;

2. Масҳ кашидани тамоми рӯй;

3. Масҳ кашидани ҳар ду даст бо оринҷҳо.[1]

Ҳамон тавре ки мебинем, дар вузӯ ва ғусл ният суннат аст, на фарз, вале дар таяммум ният яке аз се фарзи он мебошад. Бинобар ин, агар дар натиҷаи афтодани чизе ва ё вазидани боде, чангу ғубор ба ҳаво бархезад ва ба рӯй ва дастони касе бархӯрад, таяммум барои ӯ ҳосил намешавад, зеро он кас нияти таяммум надошт.

Аммо баръакс, шахси ҷунуб ва бевузӯ ба обе биафтад ва ё ғутта занад ва ба тамоми аъзои баданаш, ки шустани онҳо дар ғусл фарз аст, об бирасад, вузӯ ва ғусл барояш ҳосил мегардад, гарчи нияти вузӯ ва ғуслро накарда бошад. Ҳамчунин, агар дар зери борон аъзои вузӯяш тар шаванд ва сарашро бо дасташ масҳ кашад, барояш вузӯ ҳосил мешавад.

[1] Миёни фуқаҳо дар бораи адади фарзҳои таяммум ихтилофи назаре вуҷуд надорад, ки се фарз ҳастанд, зеро фарз он амрест, ки бо далели қатъӣ собит шуда ва дар насси қатъии Китоб ояти 43-юми сураи Нисо ва ояти 6-уми сураи Моида барои он се фарз зикр шудааст. Аммо дар баъзе китобҳои форсӣ барои риояи вазн ва равиши назм ё чизи дигаре буда, ки онро чаҳор фарз гуфтаанд, аз ҷумла дар китоби аввали Чаҳоркитоб омадааст:

Чор чиз аст дар таяммум фарз,
Медиҳам мар туро бо дониш арз.
Нияту қасди хок, эй сарвар,
Хок аз ҷои пок, эй меҳтар!
Ният ин аст, агар намедонӣ,
Ки намозат мубоҳ гардонӣ.
Чун задӣ ҳар ду даст бар хок,
Пас бимолаш ба рӯ, то шавӣ пок.
Пас дигар бора панҷа зан дар ҳол,
Ҳар ду соид бо мирфақайн бимол!
Дар таяммум фариза ин чор аст,
Ки туро зи-н чаҳор ночор аст.

Чуноне мебинем, мусанниф (рҳ) дар ин байтҳо «нияту қасди хок»-ро ду фарз гуфтааст, дар ҳоле ки назди аҳли таҳқиқ ҳар ду ба як маъно ва як фарз мебошанд.

СУННАТҲОИ ТАЯММУМ

1.«Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» гуфтан дар оғози таяммум.

2. Риояи тартиб дар ҳолати таяммум гирифтан: аввал – масҳи рӯй, дуюм – масҳи дасти рост ва сеюм – масҳи дасти чап.

3. Паёпай анҷом додани масҳи рӯй ва дастҳо ва фосила наандохтан дар миёни онҳо бо кори дигаре.

4. Ҳар ду дасти худро аз сари панҷаҳо то охири кафҳо ба замин гузоштан.

5. Афшондани дастҳо пас аз бардоштани онҳо аз хок.

6. Боз ва кушода гузоштани ангуштони дастҳо ҳангоми ниҳодани онҳо бар хок.

ШАРТҲОИ ДУРУСТ ГАРДИДАНИ ТАЯММУМ

Таяммум вақте дуруст мегардад, ки ҳашт шарти зерин барои таяммумкунанда фароҳам оянд:

Шарти якум ният. Дар нияти таяммуме, ки барои раво гардидани намоз сурат мегирад, шарт аст, ки таяммумкунанда яке аз се кори зеринро ният кунад:

а) Покии аз ҳадас (бетаҳоратӣ) ва ё рафъи ҳадасро ният кунад ва муайян сохтани навъи ҳадас зарурат надорад.

б) Раво гардидани намозро барои худ ният кунад.

в) Ибодати мақсуд ва мустақилеро ният кунад, ки бевузӯ анҷом додани он ҳаргиз дуруст нест, ба монанди намоз ва саҷдаи тиловат.

Пас агар барои нияти ба даст гирифтани Қуръон таяммум намояд, бо ин таяммум хондани намоз дуруст намешавад, зеро ба даст гирифтани Қуръон ба зоти худ, яъне ба таври мустақил ибодат ба шумор намеравад, балки тиловати Қуръон ибодат аст. Ҳамчунин, агар ба нияти гуфтани азон ва иқомат таяммум намояд, бо ин таяммум низ хондани намоз дуруст намешавад, зеро азон ва иқомат ҳеҷ кадом ибодати мустақил ва мақсуд ба зот намебошанд, балки онҳо омодагӣ ва муқаддима барои ибодати дигаре – намоз мебошанд.

Ҳамчунин, агар ба нияти тиловати Қуръон таяммум намояд, дар ҳоле ки бо ҳадаси хурд

бевузӯ бошад, бо ин таяммум низ хондани намоз дуруст намешавад, зеро ҳарчанд тиловати Қуръон ибодати мақсуде аст, вале онро бевузӯ ҳам анҷом дода мешавад.

Чуноне ки мебинем, дар нияти таяммум муайян сохтани навъи ибодате, ки таяммумгиранда мехоҳад анҷом диҳад, аҳамият дорад. Агар барои анҷоми коре таяммум намояд, ки ибодати мустақил ва мақсуд ба зоти худ нест ва ё барои корҳое таяммум намояд, ки вузӯ гирифтан барои онҳо мустаҳаб мебошад, бо ин таяммумҳо наметавонад намоз бихонад. Вале бо таяммуме, ки барои намоз, сақдаи тиловат, намози ҷаноза ва ғайра анҷом медиҳад, метавонад ҳар гуна намози фарзу нафл ва чанд вақт намозро бо ҳамон таяммум ва тамоми корҳои дигареро, ки бо вузӯ метавонист анҷом диҳад, ба ҷой оварад. Фарқе миёни вузӯ ва ин таяммум вуҷуд надорад.

Шарти дуюм. Узре аз узрҳои ҷойнишинкунандаи таяммум ба ҷои ғуслу вузӯ пеш ояд, ба монанди:

а) Ба андозаи масофаи як мил ё бештар аз он дур будани об аз шахси таяммумкунанда.

б) Бими пайдо шудани беморӣ ё афзоиши бемории феълӣ ва ё ба таъхир афтодани шифои он дар натиҷаи истифодаи об.

в) Хавфи ҳалокат аз истифодаи оби сард дар сурати набудани шароити гармкунанда ва ё ҳаммому гармоба.

г) Бими ҳалокат аз ташнагӣ. Ин вақтест, ки оби каме дар ихтиёр дошта бошад, вале чун онро барои вузӯ харҷ намояд, хавфи он аст, ки аз ташнагӣ ҳалок гардад.

ғ) Набудани олату абзорҳои обкашӣ аз чоҳ.

д) Бим аз душмане, ки дар роҳи расидани ӯ ба об қарор гирифтааст, чи он одамӣ бошад ва чи ҳайвони даррандае.

е) Бинобар ғолиби гумонаш, агар машғули вузӯ гардад, дигар намози ид ва ё намози ҷанозаро дарнамеёбад. Ин ҳолат танҳо барои намозҳоест, ки пас аз фавт гардидан дигар ба сурати қазоӣ ба ҷой оварда намешаванд.

Шарти сеюм. Ба чизи поке аз ҷинси замин таяммум кардан, ба монанди хок, санг, рег ва ғайра. Таяммум бо чӯб, ҳезум, нуқра, мис ва ғайра дуруст намешавад.

Шарти чаҳорум. Бо тамоми даст ва ё ба бештари он масҳ кашидан. Агар таяммумкунанда бо ду ангушти худ ба рӯй ва дастҳояш масҳ кашад ва тамоми он аъзоро бо ду ангушташ молиш диҳад, таяммумаш дуруст намешавад.

Шарти панҷум. Тамоми рӯй ва ҳар ду дастро ҳамроҳи оринҷҳо масҳ бикашад.

Шарти шашум. Ду зарба бо кафи дастҳо зада шаванд ва агар дар як ҷои замин зада шаванд ҳам, боке надорад. Агар хоку ғуборе ба баданаш расида бошад ва онро ба нияти таяммум масҳ кашад, таяммумаш дуруст мегардад.

Шарти ҳафтум. Чизе миёни даст ва пӯсти бадани таяммумкунанда дар вақти масҳ ҳоил нашавад, ба монанди мум, чарбӣ ва ғайра. Агар рӯй ва дастҳои таяммумкунанда бо чунин чизҳое олуда ва пӯшонида шуда бошанд, пеш аз таяммум онҳоро дур созад.

Шарти ҳаштум. Шахси таяммумкунанда дар ҳолате қарор надошта бошад, ки аз дуруст гардидани таяммумаш монее ба амал ояд, ба монанди ҳайз ва нифос барои зани таяммумкунанда. Агар зане дар ҳолати ҳайз ва ё нифоси худ таяммум намояд, таяммумаш дуруст намешавад.

ШИКАНАНДАҲОИ ТАЯММУМ

Шиканандаҳои таяммум иборатанд аз:

1. Ҳар он чизе, ки вузӯро мешиканад, мисли бавл (пешоб), хун, ғоит (қазои ҳоҷат) ва ғайра, таяммумро ҳам мешиканад.

2. Ёфтани об барои касе, ки ба сабаби дастрасӣ надоштан ба об таяммум карда буд.

3. Қодир шудан бар истеъмоли об барои касоне, ки ба сабаби беморӣ, захмдорӣ, пиронсолӣ, сардӣ ва ғайра аз истифодаи он оҷиз омада буданд.

Ҳар чи он ноқизи вузӯ бошад,
Ноқиз андар таяммум ӯ бошад.

В-он ки қодир шавад ба оби таҳур,
З-ӯ шавад дар замон таяммум дур.

Ҳар ки миле зи об дур бувад,
Ин таяммум варо таҳур бувад.

В-ар бувад об камтар аз миле,
Нест дар норавоияш қиле.

Мил дар шаръ сулси фарсанг аст,
Гар туро дониш асту фарҳанг аст!
Сулси фарсанг бувад чаҳор ҳазор,
Бо қадамҳои марди хушрафтор!

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ ТАЯММУМ

1. Шахсе дар биёбоне афтад, ки ҳеҷ нишонае аз об маълум набошад ва ҳеҷ кас ҳам дида намешавад, то хабари обро аз ӯ бипурсад, дар чунин мавқее барои намоз таяммум намояд. Аммо агар нафаре пайдо шавад ва нишони обро дар ҳудуди як мил роҳ ба ӯ бидиҳад ва гумони ғолиб низ бар ин бошад, ки вай рост мегӯяд, ё аз аломатҳои дигаре ба мавҷудияти об дар андозаи ҳамин масофа пай барад, ба шарте дар талаби об барои он шахс ва ё дигар ҳамроҳонаш машаққате пеш наояд, ҷустуҷӯи об зарур аст ва пеш аз ҷустуҷӯи об таяммум ҷоиз нест. Вале агар ба вуҷуд доштани об дар масофаи ёдшуда яқин дошта бошад, пас овардани об воҷиб аст.

Агар ҷои об маълум гардад, вале он аз як мил роҳ дуртар бошад, овардани об воҷиб набуда, балки таяммум ҷоиз мегардад.

2. Агар аз ободӣ ба андозаи як мил роҳ дур бошад ва аз ин масофа наздиктар обе вуҷуд надошта бошад, таяммум ҷоиз мегардад, хоҳ мусофир бошад, хоҳ не.

3. Агар дар роҳ ба чоҳи обе расад, вале сатил ва ресмоне дар даст надошта бошад, ки барои вузӯ об берун оварад, таяммум барояш ҷоиз мегардад.

4. Дар миёнаи роҳ об пайдо намояд, вале он об ба андозае кам бошад, ки узвҳои чаҳоргонаи вузӯро аз як бор бештар наметавонад бишӯяд, бо вуҷуди ин таяммум ҷоиз намегардад, бояд узвҳои мазкурро як борӣ бишӯяд ва бар сараш масҳ кашад, аммо суннатҳои вузӯро тарк намояд. Агар об аз ин ҳам камтар бошад, пас бояд таяммум намояд.

5. Агар дард ё ҷароҳате дошта бошад, ки бо расонидани об зиёдтар мегардад ва ё дар шифо ёфтанаш таъхир ба вуҷуд меояд, таяммум намояд. Агар истеъмоли об ба таври мутлақ, яъне оби сард барояш зараровар бошад, онро гарм намояд. Агар шароити гарм кардани об ба ҳеҷ ваҷҳе мавҷуд набошад ва истеъмоли оби сард ба саломатиаш зарар расонад, дар ин сурат таяммум намояд.

6. Агар об дар масофаи камтар аз як мил мавҷуд бошад, барои зан ба хотири шарм доштанаш аз мардҳо таяммум гирифтан ҷоиз намегардад, балки худро дар ҳадди имкон сатр намуда, об биёварад ва дар ҷои хилват вузӯ гирифта, намозашро бихонад.

7. Об ёфта мешавад, вале ба баҳое (нархе) хариду фурӯш мегардад, дар ин сурат агар илова бар хароҷоти сафараш пул дошта бошад ва баҳои об низ дар бардошти муқаррарии рӯз бошад, барои вузӯ об бихарад ва таяммум ҷоиз намебошад. Агар илова бар бароварди хароҷоти сафари худ пуле надошта бошад ё пул дошта бошад, вале баҳои об зиёдтар аз тақозои рӯз бошад, таяммум намояд.

8. Агар барои нӯшидан об дошта бошад ва бештар аз он оби дигаре набошад, обро барои нӯшидан бигузорад ва таяммум намояд.

9. Агар барои шахси ҷунуб ғусл зарар расонад ва вузӯ зараре надошта бошад, вузӯ бигирад ва ба ҷои ғусл таяммум намояд.

10. Агар шахсе ба ғуслу вузӯ ҳар ду эҳтиёҷ дошта бошад, як таяммум барои ҳар ду кифоят мекунад.

11. Ҳамон гуна ки баён гардид, таяммум бар замин ва бар ҳар чизе, ки аз ҷинси он бошад, ҷоиз аст. Ҳар чизе, ки ба оташ насӯзад ва боз нашавад, аз ҷинси замин ба шумор меравад ва ҳар чӣ бисӯзад ва ё боз шавад, аз ҷинси замин нест. Бар хокистар таяммум намудан ҷоиз нест.

12. Бар зарфҳое, ки аз мис, шиша, биринҷ ва монанди инҳо сохта шудааст, вале бар онҳо ба қадре гард нишастааст, ки бо даст задан он гард ба ҳаво мехезад, таяммум ҷоиз аст. Бар зарфҳои сафолин бегард ҳам таяммум ҷоиз аст.

13. Бар санг ва хишти хом гард ҳам набошад, таяммум ҷоиз аст, зеро онҳо аз ҷинси замин мебошанд.

14. Таяммум бар гил (лой) низ ҷоиз аст, лекин чандон муносиб нест. Агар ғайр аз гил чизи дигаре ёфт нашавад, миқдоре аз онро дар ҷое бигзорад то хушк шавад, он гоҳ ба он таяммум намояд.

15. Агар бар замин пешоб ё наҷосати дигаре рехта ва бар асари ҳарорати офтоб хушкида ва бӯи он низ аз байн рафта бошад, боз ҳам таям-

мум бар он замин ҷоиз намешавад, вале дар он намоз хондан ҷоиз аст.

16. Ҳамон гуна ки дар ҳолати узр ба ҷои вузӯ таяммум ҷоиз аст, ба ҷои ғусл низ ҷоиз аст ва он метавонад ҷонишини ҳар ду бошад.

17. Агар барои таълими касе таяммум намояд ва худ нияти таяммум надошта бошад, таяммуми вай барои худаш дуруст намегардад, зеро ният дар таяммум фарз аст.

18. Дар вақти таяммум ба ҳамин андоза ният дошта бошад, ки ***барои касби покӣ ё рафъи нопокӣ ва ё барои хондани намоз таяммум менамоям,*** барои ният кифоят мекунад.

19. Агар барои мисос кардани Қуръон ё хондани он таяммум намояд, бо он намоз гузорида наметавонад, вале агар барои хондани намоз таяммум намояд, бо он метавонад намози дигаре низ бихонад ва Қуръонро низ мисос ва тиловат намояд.

20. Об агар аз масофаи як мил роҳ камтар дур бошад, бо вуҷуди тангии вақт, ки бо рафтан ба ҷои об вақти намоз фавт мегардад, боз ҳам таяммум ҷоиз намешавад. Бояд ба лаби об равад ва вузӯ бигирад, агар вақт боқӣ бошад, хушо барояш ва агар не, намозро қазо ба ҷой оварад.

21. Об мавҷуд бошад, вале дар сурати вузӯ гирифтан бими он дорад, ки аз мошин ё қатора (поезд) дер мемонад, ё дар сари чашмаи об мор ё дигар дарранда ва ё газанда вуҷуд дорад, ки роҳро бар об бастааст, дар ин ҳолатҳо таяммум ҷоиз мегардад.

22. Агар аз ҷиҳати набудани об таяммум намояд ва баъд аз он ранҷур гардад ва расонидани об барояш зараровар гардад, вақте об барояш фароҳам гашт, таяммуми пешинааш ботил (бекор) мегардад ва барои ранҷуриаш бояд аз нав таяммум намояд.

Агар барои рафъи ҷанобат ва нопокӣ ғусл кунад ва об барои тамоми баданаш кифоя накунад ва каме аз баданаш хушк бимонад, бояд ба болои он таяммум ҳам намояд ва ҳар гоҳ об пайдо гашт, ҷои хушкмондаро бишӯяд.

23. Агар бадан ё либосаш нопок бошад ва вузӯ ҳам бояд бигирад, вале об барои ҳар ду кифоя намекунад, дар ин сурат бадан ё либосашро бишӯяд ва ба ҷои вузӯ таяммум намояд.

НУКТАИ ЛАТИФ

Мебинем, ки Худованд бандаи муъминашро ҳамеша ба лутфу иноят хоссаи худ парварда ва дар масири шаклгирии пояҳои ақидаву имон ва такомулпазирии ҷавҳари маъноят пайваста дар канори ӯ будааст.

Аз он ҷо ки ворастагии маънавӣ, такомули рӯҳӣ ва покизагии андешаву ақли ӯро дӯст дошта, зебоии сайру сулук ва латофати ахлоқу иҷтимоиёти ҳаётро барояш писандидааст, вайро бо паймудани тадриҷии ин роҳ водошта, аз тамошогаҳи роз (донишҳои динӣ) барои дидаш пардаҳо бардоштааст. Аз таҳорати зоҳир (вузӯ ва ғусл) ӯро ба таҳорати ботин (намоз) раҳнамун гашта ва ҳеҷ гоҳ ҷудо гаштани ӯро аз навозишҳои бекаронаи худ, ҳарчанд барои як лаҳза бошад ҳам, нахостааст.

Аз ҳамин мунтаҳои лутфи парвардигориаш бархостааст, вақто мебинем, чун банда ба тангное биафтад, дареро бар рӯяш боз намудааст ва чун амре барояш мушкил бианҷомад, ки ҳама амрҳои ӯ осон ва саҳл аст, роҳи борикеро барои иртибот бо ӯ тадорук дидааст.

Вузӯ ва ғусл, ки беҳтарин покӣ ва мояи зебоии андоми инсониянд, замоне барои ӯ сангин тамом шаванд, таяммумро ба ҷонишинии он ду баргузидааст. Обе, ки асоси зиндагонии мавҷудот ва моеъи бемонанди поксоз аст, вақте латофати обиаш бар табъи баргашта ва ҷисми тағйирёфтаи одамӣ нахӯрад, хокро ҷойгузини он намудааст.

Агар банда аз анҷоми рукне аз рукнҳои намоз оҷиз ояд, онро аз боби сабукӣ соқит намуда, дар ҳолати хавф аз душман ва сахтиҳои сафар, намози комилро ба намози хавф ва шиқаста (қаср) иваз намудааст, то банда бо иштиёқ ва пайваста бо Парвардигораш дар иртибот буда, лаҳзае эҳсоси ғурбат ва танҳоӣ нашоти рӯҳашро накоҳад.

Фасли шашум

МАСҲ БАР МӮЗАҲО (МАСҲИҲО), ЗАХМБАНД, ТАХТАИ ШИКАСТАБАНДӢ ВА АҲКОМИ ОН

Худованд мефармояд:

يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلْعُسْرَ

«Худованд осониро барои шумо мехоҳад ва сахтиву душвориро барои шумо намехоҳад».[1]

Барои эҷоди суҳулат дар анҷоми ибодатҳо шариат як силсила сабукиҳоеро дар назар гирифтааст, ки масҳ кашидан бар масҳӣ,[2] захмбанд ва ғайра аз он ҷумла мебошанд. Масҳ аслан бо суннати расули Худо (с) собит гардида, аз сабукиҳо ва рухсатҳои шаръ аст, амал ба он ҷоиз аст ва назди ҷумҳури аимма шустани пойҳо аз масҳи пойафзорҳо беҳтар ва афзал аст. Гоҳе ҳам масҳи пойафзорҳо барои ҳифозат аз сармо дар фасли зимистон ва масҳи ҷабира ва захмбанд барои ҳимоя аз зарари об бар шахс воҷиб ва ҳатмӣ мегардад.

Аз ҷумла аз Алӣ ибни Абутолиб (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) муддати масҳро барои мусофир се шабонарӯз ва барои муқим як шабонарӯз муайян намудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Мусофир то се шабонарӯз ва муқим то як шабонарӯз (бар мӯзаҳояшон) масҳ мекашанд»***.[3]

Ибни Абдулбарр дар китоби «ал-Истизкор» мегӯяд: Масҳи бар хуффайн (масҳиҳо)-ро аз расули Худо (с) наздик ба чиҳил саҳоба ривоят кардааст ва дар китоби «ал-Имом» омадааст, ки Ибни Мунзир мефармояд: Ҳасани Басрӣ (рҳ) гуфт: *«Ҳафтод нафар аз асҳоби паёмбар (с) бароям ривоят кардаанд, ки расули Худо (с) бар мӯзаҳои (масҳиҳои) худ масҳ мекашид»*.[4]

Он касе, ки бо пои таҳорат мӯза (масҳӣ) пӯшидааст, пас ҳар гоҳ бевузӯ гардад, метавонад ҳангоми вузӯ ба ҷои шустани пойҳояш бар мӯзаҳои худ масҳ кашад.

Масҳ бар мӯзаҳо ба ин сурат аст, ки шахси вузӯгиранда ангуштони худро бо об тар намуда, сипас ба миқдори се ангушт бар болои мӯзаҳои худ аз ҷое, ки сари ангуштонаш қарор гирифтааст, то поинтар аз соқ масҳ мекашад.

Масҳ бар пойафзорҳо дар сурате ҷоиз аст, ки шартҳои зеринро доро бошанд:

1. Ин ки пойафзор буҷулаки пойро пӯшонида бошад.

2. Сафар ба василаи он мумкин бошад.

3. Ин ки шахс ҳангоми вузӯ доштан онро пӯшида бошад.

Агар як пои мӯза ё масҳӣ ба андозае шикоф шуда бошад, ки се ангушти кӯчаки по аз он намоён шавад, дар ин сурат масҳ кашидан бар он ҷоиз намебошад. Вале агар ҷои даридагӣ камтар аз ин миқдор бошад, масҳ бар он ҷоиз аст.

Муқим (шахсе, ки дар ҷое истиқомат мекунад) то як шабонарӯз ва мусофир то се шабонарӯз метавонад бар мӯзаҳояш масҳ кашад. Оғози ин муддат аз вақти бевузӯ шудан ҳисоб мешавад. Мас., агар шахси муқим пас аз вузӯи намози бомдод мӯза пӯшида ва баъд ҳангоми намози зӯҳр (пешин) бевузӯ гардад, дар ин сурат то зӯҳри рӯзи баъд бар мӯзаҳояш масҳ мекашад. Мусофирро низ ба ин қиёс кунед.

Муқиме, ки қабл аз ба поён расидани як шабонарӯз мусофир мегардад, метавонад то охири се шабонарӯз масҳ намояд ва мусофире,

---

[1] Сураи Бақара, 2: 185.

[2] Масҳӣ дар забони имрӯзаи тоҷикӣ маҳсӣ талаффуз мешавад.

[3] Ҳадиси саҳеҳ: [Мухтасари Саҳеҳи Муслим, 139]. Саҳеҳи Муслим, 276; Сунани Насоӣ, 127, 128, 129; Сунани Куброи Насоӣ, 131; Муснади имом Аҳмад, 21344. Ҷ. 6. – С. 278; Муъҷаму-л-кабир, 3764, 3772. Ҷ. 4. – С. 95, 96, 9246, 9247. Ҷ. 9. – С. 252.

[4] Ҷамолуддин Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Юсуфи Зайлаъии Ҳанафӣ. Насбу-р-роя фӣ тахриҷи аҳодиси-л-Ҳидоя. Ҷ. 1. – Бейрут, 1996. – С. 218, 219. Минбаъд: Насбу-р-рояи Зайлаъӣ.

ки муқим мешавад, агар муддати масҳаш як шабонарӯз ё зиёдтар шуда бошад, лозим аст, ки мӯзаҳояшро бароварда аз нав пойҳояшро бишӯяд, вале агар муддати масҳ камтар аз он бошад, як шабонарӯзро пурра менамояд.

Худованд мефармояд:

هُوَ ٱجْتَبَىٰكُمْ وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِى ٱلدِّينِ مِنْ حَرَجٍ

«Ӯ (Худованд) шуморо баргузидааст ва ҳеҷ душворӣ ва ҳарачеро аз ноҳияи дин бар шумо бор накардааст».[1]

Агар узви бадани шахсе ҷароҳат бардорад ва бо захмбанд баста шавад ва ё бишиканад ва шикастабандӣ шавад, дар ин ҳолатҳо бар болои захмбанд ва тахтаҳои шикастабандӣ масҳ мекашад ва то замони беҳбудӣ ёфтанаш онро идома медиҳад.

Дар мавриди масҳи тахтаи шикастабандӣ (ҷабира),[2] захмбанд[3] ва гаҷбастагӣ (гипс) лозим нест, ки пеш аз бастани он ғусл намуда ва ё вузӯ дошта бошад ва ҳамчунин муддати муайяне барои масҳи он вуҷуд надорад.[4] Танҳо лозим аст, ки андозаи он аз ҳаҷми захм зиёд набошад.

Агар он чи захм бо он баста шудааст (тахтачаи шикастабандӣ ва ё порча ва латта) пеш аз беҳбуд ёфтани захм ё ҷароҳат бияфтад, дар ин ҳолат масҳ ботил намешавад, вале агар баъд аз беҳбудии он бияфтад, дар ин сурат масҳ ботил мегардад.

Масҳ бар дастор (салла), кулоҳ, рӯпӯш ва дасткаш ҷоиз нест.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ МАСҲ

а) Агар масҳиҳо ба қадре кӯтоҳ бошанд, ки буҷулаки пойҳоро напӯшонанд, масҳ бар он намуди масҳӣ ҷоиз нест.

б) Агар масҳиҳои маъмулиро (масҳиҳое, ки то соқи пойро мепӯшонанд) барои гарм нигоҳ доштани пойҳояш бетаҳорат пӯшида бошад, масҳ бар онҳо дуруст нест. Бояд дар ҳолати вузӯ онҳоро бароварда, пойҳояшро бишӯяд.

в) Шахсе мӯзаҳои худро бо таҳорат пӯшида бошад, вале баъдтар бар вай ғусл воҷиб гардад, дар ин сурат масҳ бар мӯзаҳояш барои покшавии ӯ аз ҷанобат кифоя намекунад, балки зарур аст, ки мӯзаҳояшро бароварда, пойҳояшро барои рафъи ҷанобат бишӯяд.[5] Масҳи мӯзаҳо эҷоди навъе сабукӣ аз ҷониби шаръ барои вузӯгирандагон аст, ки дар шабонарӯз шояд борҳо вузӯ гиранд, на барои ғуслкунанда.

г) Тариқаи масҳ ин аст, ки ангуштони дасташро тар намуда, аз сари ангуштони по шурӯъ намояд ва ба тарафи боло бикашад, вале кафи дасташро нагузорад. Дар сурате ки бар паҳнии по масҳ кашад, ҷоиз аст, вале хилофи мустаҳаб мебошад. Масҳ бар кафи по ё ду та-

---

[1] Сураи Ҳаҷ(ч), 22: 78.

[2] Ҷабира – тахтаҳо, чӯбҳо ва чизҳои дигареро мегӯянд, ки бо онҳо узвҳои шикаста ва кафидаи бадани шахс баста мешаванд.

[3] Захмбанд – дастмол, бинт ва чизҳои дигаре мебошанд, ки бо онҳо ҷароҳатҳо ва захмҳои бадан баста мешаванд.

[4] Дар бораи масҳ бар ҷабира (захмбанд, тахтаи шикастабандӣ ва ғайра) омадааст, ки: *«Вақте яке аз пайвандҳои дасти Алӣ дар рӯзи ҷанги Уҳуд шикаст, расули Худо (с) ӯро ба масҳ кашидан ба болои он амр намуд»* (Сунани Ибни Моҷа, 657). Аз худи Алӣ (рз) низ ривоятҳое ба ҳамин маъно зикр шудааст. (Сунани Дорақутнӣ, 3. Ҷ. 1. – С. 226; Мусаннафи Абдурраззоқ, 623. Ҷ. 1. – С. 161).

Дар ривояти дигаре аз Ҷобир (рз) омадааст: *«Дар яке аз сафарҳо санге бар сари марде аз ҳамроҳонамон зад ва сари ӯро кафонд. Пас аз он он мард эҳтилом шуд ва ба ҳамроҳонаш гуфт: Оё иҷозат аст, ки (дар чунин ҳолате) таяммум намоям? Ҳамроҳонаш гуфтанд: Вақте об ҳаст, мо бароят дар ин бора рухсате намебинем. Он мард ғусл кард (ва дар натиҷа) вафот кард.*

Вақте ба назди паёмбар (с) омадем (ва) аз ин кор хабар дода шуд, гуфт: ***Худо онҳоро бикушад, ки ӯро қуштанд. Вақте намедонистанд, чаро напурсиданд? Дармони (дарди оҷизӣ ва) нодонӣ пурсиш аст. Кифоя буд, ки таяммум мекард. Порчаеро бар ҷароҳати сараш мебаст ва бар он масҳ мекашид ва дигар мавзеъҳои баданашро мешуст»*** (Сунани Абудовуд, 336, 337; Сунани Ибни Моҷа, 572; Мустадраки Ҳоким, 585. Ҷ. 1. – С. 270, Ҳоким онро саҳеҳ гуфтааст. 630, 631. Ҷ. 1. – С. 285, 286; Сунани Куброи Байҳақӣ, 1107, 1110. Ҷ. 1. – С. 388, 390).

Байҳақӣ дар китоби «ал-Маърифат» онро бо вуҷуди ихтилофе, ки дар иснодаш вуҷуд дорад, саҳеҳтарин чизе гуфтааст, ки дар ин боб ривоят шудааст (Маърифат, 445. Ҷ. 2. – С. 34). Абубакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мусои Байҳақӣ. Маърифату-с-сунани ва-л-осор. – Қоҳира, 1412 ҳ. (1992). Аз Ибни Аббос (рз) низ чунин ривояте омадааст.

[5] Ривоят шудааст: ***«Расули Худо (с) ба мо амр кард, ки дар сафар мӯзаҳо (ва пойафзорҳои) худро то се шабонарӯз (бо шикастани вузӯ) аз пешоб, қазои ҳоҷат ва хоб набарорем, магар аз ҷанобат»*** (Сунани Тирмизӣ, 96, 3535, 3536. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст. Сунани Насоӣ, 126, 127, 129, 158, 159; Сунани Ибни Моҷа, 4070; Муъҷамул-кабир, 7359. Ҷ. 8. – С. 58).

рафи по ва ё пушти по дуруст нест.[1]

ғ) Агар тамоми ангуштони дастро бар масҳиҳо нагузорад, балки бо нӯги ангуштонаш масҳ кашад, ин масҳ дар сурате дуруст мегардад, ки аз сари ангуштонаш об бирезад ва ба андозаи як ангушт болои масҳиро тар намояд.

д) Ба миқдори се ангушт бар ҳар масҳие масҳ кашидан фарз аст ва камтар аз ин миқдор ҷоиз нест. Кушода доштани ангуштони даст дар вақти масҳ кашидан ва то соқи по кашидани масҳ суннат мебошад.

е) Бештар аз як бор масҳ кашидан бар пойафзорҳо макрӯҳ ва бар хилофи суннат аст, зеро аз расули Худо (с) як бор масҳ кашидан бар онҳо собит шудааст. Шустани онҳо ба ҷои масҳ низ макрӯҳ аст, вале агар ба масҳиҳо ва ё мӯзаҳояш наҷосате расида бошад ва онро ҳамон тавр дар пояш бишӯяд, он ба ҷои масҳ ӯро басанда бошад, ҳарчанд нияти масҳро накарда бошад.[2]

ё) Назари имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи масҳи ҷӯробҳо ин аст: Масҳи ҷӯробҳо дар сурате ҷоиз аст, ки онҳо чармкорӣ ва ё наълбандӣ шуда бошанд. Чармкории ҷӯробҳо ин аст, ки қисмати боло ва поёни онҳо бо пӯст ва чарм мустаҳкам сохта шаванд ва наълбандӣ он аст, ки дар қисмати зеринаш чармеро ба монанди наъл бичаспонанд.

Дар назди Имомайн (Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ)) масҳи ҷӯробҳо вақте ҷоиз аст, ки ғафс ва сахту мустаҳкам бошанд, на шаффофу нозук, вале чармкорӣ ва наълбандӣ шарт нест.[3]

Дар «Ҳидоя» омадааст, ки имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи ҷоиз будани масҳ бар ҷӯробҳо ба қавли Имомайн баргаштааст, яъне ҷӯробҳо ғафс ва мустаҳкаме бошанд, ки ба монанди масҳӣ тай намудани масофа бо онҳо мумкин бошад, дар ин ҳолат ҳукми масҳиро мегиранд. (Ба нақл аз Эълоу-с-сунан. – С. 324).

Масҳ бар ҷӯробҳо аз назари ҷумҳури аҳли суннат ва пешвоёни дигар мазҳабҳои фиқҳӣ, ба монанди имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ), Суфёни Саврӣ (рҳ) ва дигарон низ ба шарте ҷоиз аст, ки ғафс ва мустаҳкам бошанд, ки роҳ рафтан бо онҳо мумкин бошад ва масҳ бар ҷӯробҳои тунук ва шаффоф ҷоиз нест. Аз назари имом Молик (рҳ) ба мисли қавли аввали имом Абуҳанифа (рҳ) он вақте ҷоиз аст, ки ҷӯробҳо наълбандӣ ва ё чармкорӣ шуда бошанд.

Бо ин васф – равшан будани назароти бузургони салаф аз муҳаддисон ва аиммаи фиқҳ дар бораи маҳс бар ҷӯробҳо ва сухани онҳо дар бораи аҳодиси боб, баъзе аҳли илм, ба хусус баъзе коршиносони мутааххири ин соҳа, бо истинод бар тасҳеҳи имом Тирмизӣ ҳадиси бобро масҳ бар ҷӯробҳоро ба таври мутлақ – ғафс ва тунук ҷоиз донистаанд.

---

[1] Ривоят шудааст, ки Алӣ (рз) фармуд: *«Агар кори дин ба раъй (ва андеша) вогузор мебуд, ҳатман, (аз назари ақл) масҳ кашидан бар кафи мӯза аз пушташ беҳтар буд. Лекин расули Худо (с)-ро дидам, ки бар пушти онҳо масҳ мекашид»* (Сунани Абудовуд, 162, 164; Сунани Куброи Байҳақӣ, 1428. Ҷ. 1. – С. 491; Сунани Дорақутнӣ, 4. Ҷ. 1. – С. 204; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 43. Ҷ. 1. – С. 208).

2 ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 37. – С. 271, ба нақл аз Дурру-л-мухтор. – Ҷ. 1. – С. 47.

[3] Аз даҳ саҳоба ривоят шудааст, ки онҳо бар ҷӯробҳояшон масҳ мекашиданд. Абудовуд номи нуҳ нафари онҳоро пас аз ҳадиси 159 зикр кардааст.

Ҳамчунин аз Муғира ибни Шуъба ва Абумусои Ашъарӣ ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) бар ҷӯробҳо ва наълҳояш масҳ кашидааст»*** (Сунани Абудовуд, 159; Сунани Тирмизӣ, 99; Сунани Ибни Моҷа, 559, 560; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1338. Ҷ. 4. – С. 168).

Абудовуд ин ҳадисҳоро ғайриқавӣ дониста ва Тирмизӣ ҳадиси Муғираро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Соҳиби Туҳфату-л-аҳвазӣ, шарҳи Сунани Тирмизӣ пас аз таҳқиқи мавзӯъ ва баррасии назароти мухталиф дар ин бора назари Тирмизиро бо далоили қавие рад карда ва ҳадисро аз назари аксари аҳли илм, ба монанди имом Муслим, имом Аҳмад, Яҳё ибни Маъин, Алӣ ибни Мадинӣ ва дигарон заъиф гуфтааст. Бо вуҷуди заъфи ҳадиси боб дар бораи масҳ бар ҷӯробҳо аз саҳобагони киром ва тобеин ривоёт ва осори зиёде собит шудааст ва масҳ бар ҷӯробҳо ба гуфтаи вай бо қиёс бар хуффайн (масҳиҳо) собит шудааст, на бар асоси ин ҳадиси заъиф.

Бинобар ин, фақеҳони киром барои дуруст гардидани масҳ бар ҷӯробҳо вуҷуди васфҳоеро қайд кардаанд, ки шабоҳати онҳоро бо масҳӣ таъйид кунанд. Аз ин рӯ, аксари аҳли илм, ба монанди пешвоёни мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат масҳ бар ҷӯробҳоеро ҷоиз донистаанд, ки дар ғафсӣ ва мустаҳкамӣ ба масҳӣ монанд бошанд, на тунук ва шаффоф. Зеро дар ин маврид асл, ҳамон гуна ки насси Қуръон мефармояд, шустани пойҳост ва аз ин асл ба чизи дигар вақте гузашта метавонем, ки ба монанди масҳ бар масҳиҳо бо аҳодиси саҳеҳ собит шуда бошад. Пас масҳ бар ҷӯробҳо вақте ҷоиз аст, ки дар онҳо муҳимтарин васфи масҳӣ – ғафсӣ ва мустаҳкамӣ мавҷуд бошад, васфе ки дар ҷӯробҳои тунук вуҷуд надорад (Туҳфату-л-аҳвазӣ, шарҳу Ҷомеъи-т-Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 343-357).

ШИКАНАНДАҲОИ МАСҲ

Шиканандаҳои масҳ иборатанд аз:

1. Ҳар он чи ки вузӯро мешиканад.
2. Сипарӣ шудани муддати масҳ, ки барои муқим як шабонарӯз ва барои мусофир се шабонарӯз мебошад.
3. Баровардани мӯзаҳо.
4. Берун шудани бештари ақиби мӯза аз соқи пой.

Дар сурати тамом шудани муддати масҳ ва ё баровардани мӯза ва ё хориҷ шудани бештари ақиби он аз соқи по, агар вузӯ дошта бошад, шарт нест, ки бори дигар вузӯ намояд, балки шустани пойҳояш кифоя мекунад.

МАСОИЛИ ГУНОГУН ДАР БОБИ МАСҲ

Ҳамон гуна ки дар мавзӯи поксозии ашё баён гардид, агар ба ашёи сайқалдор ва безангор,[1] ба монанди ойина, шиша, корд, нохун, устухон ва зарфҳои сирдор наҷосате расад, хушк бошад ё тар, ҷирмдор бошад ё бечирм, бо масҳ кашидан – шакидани он ба замин, девор, чӯб, порча ва дигар чизҳои пок пок мегардад. Зеро ин ашё рутубати наҷосатро ба таркиби худ намечабанд. Аммо оҳани зангордор (зангхӯрда) ва мунаққаш ба сабаби ҷабидани рутубати наҷосат ва ё бозмондани миқдоре аз он дар таркибаш бо масҳ пок намегардад, балки онро бояд шуста шавад.

Ҳамчунин мавзеи ҳиҷомат[2] ва фасд[3] – ҷои нештар ва перомуни он вақте бо порчаи пок ва мартуб ва ё пахтапораи спиртдор ва ё коғази махсуси мартуб (дастмолҳои коғазӣ – салфетка) пок сохта шавад, пок мегардад, зеро дар расонидани об ба он эҳтимоли расидани зиён вуҷуд дорад.[4]

[1] Манзур аз ашёи безангор афзорҳо ва зарфҳои филиззие мебошад, ки онҳоро занг намехӯрад, ба монанди афзорҳои нержавӣ.

[2] Ҳиҷомат ба маънои хун гирифтан аз мавзеъҳои махсуси бадан аз таркиби гӯшт аст. Дар таълимоти суннати набавӣ ба ҳиҷомат зиёд тавсия шудааст.

[3] Фасд ба маънои хун гирифтан аз рагҳои хунгард аст ва ба он раг задан ва нештар задан низ мегӯянд.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 563.

Фасли ҳафтум

ҲАЙЗ

Ҳайз хунест, ки аз раҳми (бачадони) занҳои болиғ дар вақтҳои муайян мебарояд. Хуне, ки ҳангоми бордор будани занҳо ва ё ба сабаби таваллуд кардан ва ё бемориашон берун меояд, хуни ҳайз ба шумор намеравад.

Камтарин муддати ҳайз се шабонарӯз ва дарозтарини он даҳ шабонарӯз аст.[1] Камтарин муддати туҳр (покӣ)-и миёни ду ҳайз понздаҳ рӯз мебошад ва аммо бештарини он муддати муайян ва андозае надорад.

Туҳре (покӣ), ки дар аснои ҳайз ба миён меояд, дар ҳукми ҳайз мебошад. Мас., зане шаш рӯз одати ҳайзбинии моҳона дошта бошад, вале баъд аз се рӯз ногаҳон хуни ҳайз қатъ шавад ва боз аз рӯзи панҷум хун шурӯъ шавад. Ин покии муваққатие, ки дар миёни муддати одати зани мазкур ба вуҷуд омадааст, ҳукми ҳайзро дорад.

Ҳар ранг моеъоти хуние, ки зани ҳоиз бинад, ҳайз аст, магар сафедии холис, ки он ҳайз намебошад, балки аломати покшавии зан ба шумор меравад.

Ин суннати таквинӣ ва қонуни офариниши ҷисмонӣ аз сӯи Худо бар занон навишта шудааст.[2] Дар ин ҳолат шаръ онҳоро аз анҷом додани корҳое, ки ибодат ба шумор мераванд ва ба покии маънавии шахс бастагӣ доранд, манъ намудааст. Аз ҷумла, Худованд мефармояд:

وَيَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْمَحِيضِ ۖ قُلْ هُوَ أَذًى فَٱعْتَزِلُوا۟
ٱلنِّسَآءَ فِى ٱلْمَحِيضِ ۖ وَلَا تَقْرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطْهُرْنَ

«Туро дар бораи ҳайз мепурсанд. Бигӯ: Он палидӣ аст. Пас аз (наздикӣ бо) занон дар (ҳолати) ҳайз канора гиред ва то пок нагарданд, ба онҳо наздикӣ нанамоед».[3]

Онҳо дар муддати ҳайз ҳамчунин аз хондани намоз, гирифтани рӯза, тавофи хонаи Каъба, тиловати Қуръон ва ғайра манъ шудаанд.

ДАР БОРАИ ҲАЙЗ

Занони ҳайзбинанда ба се даста тақсим мешаванд: 1. Мубтадиа, 2. муътода, 3. мустаҳоза.

1. Мубтадиа (навҳайзбин) духтар ва ҷавондухтари нав ба балоғат расидаеро мегӯянд, ки бори якум ҳайз мебинад. Ҳукми шаръ дар ин ҳолат он аст, ки пас аз дидани хун аз хондани намоз, гирифтани рӯза ва агар шавҳардор бошад, аз ҳамбистарӣ дурӣ намояд ва то сипарӣ шудани айёми ҳайз ва пок шуданаш мунтазир бимонад. Агар то даҳ рӯз, ки муддати болои замони ҳайзбинист ва ё камтар аз он ҳайз дид ва пок гашт, ғусл намуда, ба намозу рӯзааш шурӯъ намояд. Вале агар хунбинии ӯ бештар аз даҳ рӯз идома ёфт, он зан дар ҳукми ***«мустаҳоза»*** дохил мешавад, ки баъдтар баён мегардад.

Вақте хунбинии ин ҷавонзан чандин моҳ ва чанд бор давом ёфт ва дар миёни муддати боло ва поёнии замони ҳайзбинии занон дар рӯзҳои муайяне (ба монанди чаҳор рӯз, панҷ рӯз ва ё бештар аз он) қарор гирифт, дар ҳукми ***«муътода»*** дохил мешавад ва одати муайяне барои хунбинии моҳонааш барқарор мегардад.

---

[1] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Камтарин муддати ҳайз (ҳам) барои духтари бикр ва (ҳам) барои зани шавҳардида (бева) се рӯз ва дарозтарин муддати он даҳ рӯз мебошад»*** (Сунани Дорақутнӣ, 59, 60, 61. Ҷ. 1. – С. 218, 219; Муъҷаму-л-авсат, 603. Ҷ. 1. – С. 261; Муъҷаму-л-кабир, 7586. Ҷ. 8. – С. 129).

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Оиша (рз) ривоят шудааст. Ӯ мефармояд: *«Ҳамроҳи паёмбар (с) эҳроми ҳаҷ бастем ва вақте ба Сараф (номи маконе дар наздикиҳои Макка) расидем, ҳайз дидам. Расули Худо (с) ба назди ман омад, дар ҳоле ки мегиристам. Гуфт:* ***Туро чӣ шудааст? Оё ҳайз дидӣ?*** *Гуфтам: Оре. Фармуд:* ***Ин кор (ҳолат)-ест, ки Худованд онро бар духтарони Одам навиштааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 294, 305; Саҳеҳи Муслим, 119; Сунани Абудовуд, 1782, 1785; Сунани Насоӣ, 289, 347, 2740, 2762; Сунани Ибни Моҷа, 637, 2963.

[3] Сураи Бақара, 2: 222.

2. Муътода (дорои одат) занеро гӯянд, ки пештар дар рӯзҳои муайяне аз ҳар моҳ одати хунбинии моҳона дошт. Ҳукми шаръӣ барои чунин заноне низ он аст, ки дар рӯзҳои одати моҳонаи худ намозу рӯза ва ҳамбистариро тарк намоянд. Пас аз гузаштани рӯзҳое, ки одатан дар онҳо хуни ҳайз медид, агар хуни зардчатоб ва ё тирарангеро мушоҳида намояд, он эътиборе надорад.

Уммиатийя гуфтааст: *«Мо пас аз поёни рӯзҳои одати моҳонаи худ, ба хуни тираранг ва ё зардчатоб таваққуҳе намекардем».*[1] Аммо агар дар ҳамон рӯзҳои одати моҳонаи худ ранги хуни ҳайз зардча ва ё тира бошад, аз ҳамон одати моҳонаи ӯ ба ҳисоб меояд.

3. Мустаҳоза: ҳукми он дар боби истиҳоза баён мегардад.

НИФОС

Нифос хунест, ки пас аз таваллуд шудани тифл аз раҳм (бачадон)-и модар хориҷ мешавад. Занони нифосбинанда низ ба *мубтадиа* (навнифосбин) ва *муътода* (одатдошта) тақсим мешаванд.

Бештарин муддати нифос чиҳил рӯз мебошад ва аммо камтарини он муддати муайяне надорад.

Замони муқарраршуда барои аксари муддати нифос ва дигар масоил ва аҳкоми мутааллиқ ба он бо суннати паёмбар (с) собит шудаанд. Аз Уммисалама (рз) ривоят шудааст: *«Заноне, ки хуни нифос доштанд, дар замони паёмбар (с) чиҳил шабонарӯз менишастанд (яъне аз намозу рӯза канора мегирифтанд)»*[2] ва мегӯяд: *«Аз расули Худо (с) пурсидам: Занон пас аз таваллуди фарзанд чанд рӯз аз хондани намоз ва гирифтани рӯза худдорӣ кунанд? Расули Худо (с) фармуд:* ***Чиҳил шабонарӯз, магар он ки пеш аз он муддат пок шаванд».***

Бар ҳамин асос, ҳар гоҳ нифоси зане бештар аз чиҳил шабонарӯз идома пайдо кунад, бо пурра шудани чиҳил рӯз ғусл намуда, намозу рӯзаашро ба ҷой меоварад ва он хуне, ки бештар аз чиҳил рӯз дидааст, хуни истиҳоза ба шумор меравад.

Оғози нифоси зане, ки дугоник таваллуд намояд, мавриди ихтилофи фақеҳон қарор гирифтааст. Баъзе аз фақеҳони мо оғози нифосро барои чунин зан аз тифли аввалӣ медонанд ва баъзе дигар аз тифли дуюмӣ мегӯянд. Вале дар бораи ба поён расидани иддаи[3] чунин зан, тамоми фақеҳон ба ҳам иттифоқи назар доранд, ки аз тифли дуюмӣ ҳисоб мешавад.

Зане, ки сиқт (гӯштпора) партояд ва баъзе аз аъзои он сиқт, монанди даст, пой, ангушт ва ғайрааш зоҳир – намоён шуда бошад, дар ин сурат сиқти мазкур ҳукми тифли комилро дорад ва зан низ ҳукми нуфасоро пайдо мекунад. Вале агар чизе аз аъзои он сиқт намоён нагашта бошад, ҳукми нифос бар он зан ҷорӣ намешавад ва хуне, ки пас аз он мебинад, хуни истиҳоза ба шумор меравад.

КОРҲОЕ, КИ БАРОИ ЗАН ДАР АСНОИ ҲАЙЗУ НИФОС МАМНӮЪ ВА ҲАРОМ АСТ

1. Хондани намоз ва гирифтани рӯза, чӣ фарз бошад, чӣ нафл.

2. Дохили масҷид шудан ва тавофи Каъба намудан.

3. Қироат кардани Қуръон аз ёд, бар хилофи шахси бевузӯ, ки барои ӯ хондани Қуръон аз ёд ҷоиз мебошад.

4. Даст расонидан ва гирифтани Қуръони карим, магар ин ки ғилофи ҷудо аз худ дошта бошад, дар ин сурат ба даст гирифтани он барояш ҷоиз аст. Ҷунуб ва бевузӯ низ ҳамин ҳукмро доранд. Бо нӯги остин гирифтани Қуръон барои зани ҳоиз макрӯҳ аст.

5. Даст задан ба чизҳое, ки дар онҳо сурае ва ё ояте аз Қуръон навишта шуда бошад.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 326; Сунани Абудовуд, 307, 308; Сунани Насоӣ 366; Сунани Ибни Моҷа, 647.

[2] Ҳадиси ҳасани саҳеҳ аст: [Саҳеҳи Сунани Ибни Моҷа 530]. Сунани Абудовуд, 311, 312; Сунани Тирмизӣ, 139; Сунани Ибни Моҷа, 648. Тирмизӣ пас аз ривояти ҳадиси матн мегӯяд: Муҳаммад ибни Исмоил (Бухорӣ) фармуд: Алӣ ибни Абдулаъло ва Абусаҳл ҳар ду сиқа ҳастанд. Он гоҳ меафзояд: Аҳли илм аз саҳобаи паёмбар (с), тобеин ва онҳо, ки пас аз эшонанд, бар ин иҷмоъ (иттифоқи назар) доштанд, ки занон (дар нифос) намозро чиҳил шабонарӯз тарк мекунанд, магар ин ки пеш аз он пок шаванд, пас ғусл мегиранд ва намозашонро мегузоранд.

[3] Идда – он муддатеро мегӯянд, ки зан пас аз ҷудо гаштан аз шавҳараш ва ё вафоти вай бояд бипояд ва пас аз он метавонад ба шавҳари дигар барояд.

6. Ҳамбистарӣ ё равобити заношӯӣ. Худованд мефармояд:

وَلَا تَقْرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطْهُرْنَ...

«…То вақте пок нагаштаанд, ба онҳо (занон) наздик ва ҳамбистар нашавед…».[1]

Қазои намозҳое, ки дар муддати одати моҳонаи зан аз вай фавт шудаанд, аз ӯ соқит мегарданд, вале қазои рӯзаашро бояд ҳатман ба ҷо оварад. Ҳазрати Оиша (рз) мефармояд: *«Дар замони расули Худо (с) пас аз поёни одати моҳона мукаллаф будем, ки қазои рӯзаро ба ҷо оварем, вале ба қазо доштани намозҳои (дар он давра фавтшуда) амр намешудем»*.[2]

Ҳамбистарӣ бо зане, ки ҳайзи ӯ дар аксари муддати ҳайз (даҳ рӯз) қатъ шудааст, пеш аз ғусл кардани зани мазкур ҷоиз мебошад, ба хилофи зане, ки ҳайзаш дар камтар аз аксари муддати ҳайз (даҳ рӯз) қатъ шуда бошад. Зеро ҳамбистарӣ бо ин зан танҳо баъд аз он ки ӯ ғусл намояд ва ё вақти адои як намози комил бар вай бигзарад, ҷоиз мешавад. Нуфасо (зани таваллуднамуда) низ ҳамин ҳукмро дорад.

КОРҲОЕ, КИ БАРОИ ЗАНОН ДАР АСНОИ ҲАЙЗУ НИФОС МУБОҲ (ҶОИЗ) МЕБОШАНД

1. Алоқа ва муошират бо онҳо бе амали заношӯӣ, яъне ба ҷуз мотаҳти изор.

2. Хондани зикру вирд.

3. Эҳром бастан, ба Арафот рафтан ва таомми аъмоли ҳаҷҷу умра ба ҷуз тавофи хонаи Каъба барои онҳо ҷоиз ва мубоҳ мебошад. Вале хонаи Каъбаро танҳо пас аз поёни одати моҳона ва ғусл намудан метавонад тавоф намояд.

4. Сари як суфра (дастархон) нишастан, муошират ва нишасту бархост бо онҳо ҷоиз ва биломонеъ аст. Ҳазрати Оиша (рз) мефармояд: *«Ҳангоми одати моҳона гоҳо чунин ҳам мешуд, ки аз зарфе ман об менӯшидам ва расули Худо (с) аз ҳамон зарф ва ҳамон ҷое, ки ман бар он лаб ниҳода будам, об менӯшид. Ман устухонеро мехоидам, дар ҳоле ки дар ҳайз будам, сипас онро ба паёмбар (с) медодам. Вай даҳонашро (айнан) дар ҷои даҳони ман мегузошт»*.[3]

5. Шустан ва шона кардани сари шавҳар ва дигар хадамоти манзилро анҷом додан. Аз Оиша (рз) дар ҳадисҳои зиёде ривоят шуда, ки ***«Сари расули Худо (с)-ро, дар ҳоле ки ҳоиз будам, мешустам ва ӯ дар эътикоф буд, шона мекардам, дар канорам дар аснои ҳайз нишаста Қуръон мехонд, якҷоя аз як зарф об гирифта ғусл мекардем ва ба ҷуз ҳамбистарӣ ҳама гуна муоширатро бо ман дар ҳоли ҳайз анҷом медод»***.[4]

НАЗАРИ ҚУРЪОН ДАР БОРАИ ҲАЙЗ

Мусулмонон дар бораи аҳкоми ҳайз, муоширати инсонӣ ва ҳамчунин омезиши ҷинсӣ бо занон дар давраи узри моҳона аз расули Худо (с) пурсиш ба амал оварданд. Худованд дар ҷавоби онҳо фармуд, ки ҳайз хуни палид буда, он давра ҳолати осебпазирии ҷисмӣ ва равонии зан ба шумор меравад. Пас аз муошират ва омезиши ҷинсӣ то поёни муддати давраи ҳайз аз онҳо канорагирӣ намоед ва то пок нагарданд, бо эшон наздикӣ ва ҳамбистарӣ нанамоед! Вақте аз ҳайз пок гаштанд ва ғусл гирифтанд, пас аз ҳамон ҷое, ки Худо шуморо амр намудааст, яъне аз роҳи пеш ба

[1] Сураи Бақара, 2: 222.

[2] *Зане аз Оиша (рз) пурсид: Оё ҳар яке аз мо намозҳои дар айёми ҳайз (фавтшударо пас аз пок шудан) қазо медорад? (Оиша) фармуд: Оё ту ҳарурӣ ҳастӣ? Мо (дар замони паёмбар (с) ҳайз медидем ва ба (қазои намозҳои) он (давра) амр намешудем»* (муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 321; Саҳеҳи Муслим, 759, 760, 761; Сунани Абудовуд, 262, 263; Сунани Тирмизӣ, 130; Сунани Насоӣ, 380, 2317; Сунани Ибни Моҷа, 631).

Дар баъзе ривоятҳо лафзи ҳадис ба сурате ки дар матн зикр шудааст, мувофиқат дорад. Ҳарурия нисбат ба шаҳри Ҳаруро аст, ки дар ду милии шаҳри Куфа ҷойгир шуда буд. Нахустин тоифаи хавориҷ дар замони хилофати Алӣ (рз) дар он шаҳр пайдо шуда буд. Бинобар ин, хавориҷро ҳарурӣ низ мегӯянд. Онҳо, аз ҷумла, намозҳои фавтшудаи давраи ҳайзро бар занон воҷиб медонистанд (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 2. – С. 559; Лисону-л-араб. – Ҷ. 4. – С. 185).

[3] Саҳеҳи Муслим, 690; Сунани Абудовуд, 259; Сунани Насоӣ, 280, 281, 377, 378; Муснади имом Аҳмад, 25066, 25237, 25264. Ҷ. 7. – С. 275, 301, 306. Барои огоҳии бештар ба «Аҳкоми пасхӯрда», банди 3 ва поварақиҳои марбут ба он мурочиат намоед.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 295, 296, 299, 300, 301.

онҳо наздикӣ намоед!

Дар Саҳеҳи Муслим дар бораи сабаби нузули ин оят ривоят шудааст: «Яҳудиён одат доштанд, ки вақте зане дар байни онҳо ҳайз медид, бо вай ҳамтаомӣ ва дар хонаҳо ҳамзистӣ намекарданд. Саҳобагон дар ин бора аз расули Худо (с) савол намуданд. Ин ҷо буд, ки ояти боло нозид гардид, он гоҳ расули Худо (с) фармуд: ***«Ба ҷуз ҳамхобагӣ дигар ҳама гуна муносибатро бо онҳо анҷом диҳед»***.[1]

«**Туро дар бораи ҳайз мепурсанд. Бигӯ: Он азо (палидӣ ранҷ ва ҳолати осебпазирӣ) аст. Пас дар (муддати) ҳайз (аз омезиши ҷинсӣ) бо занон канорагирӣ намоед ва ба онҳо наздикӣ нанамоед, то он ки пок гарданд! Вақте пок гаштанд, пас аз ҳамон ҷое, ки Худо ба шумо амр намудааст, ба онҳо наздикӣ намоед! Худованд ҳатман, тавбакорон ва покиҷӯёнро дӯст медорад»**.[2]

Чӣ тавре мебинем, Худованд дар давраи узри моҳонаи занон танҳо ҳамбистарӣ ва баҳрагирии ҷинсиро аз онҳо манъ кардааст, вале дигар муносибатҳои оилавӣ ва ҳар гуна муошрати инсониро бо онҳо мусбат арзёбӣ намудааст. Оиша (рз) мефармояд, ки «***сари расули Худо (с)-ро мешустам, дар ҳоле ки ман дар ҳайз будам ва дар канори ман нишаста Қуръон мехонд ва ман дар ҳолати ҳайз будам»***.[3] Дар ҳадиси саҳеҳ аз Оиша (рз) омадааст, ки фармуд: ***Ман дар ҳолати ҳайз (гоҳо) устухонеро мехоидам, сипас онро ба Паёмбар (с) мededодам. Он ҳазрат (с) даҳонашро дар ҳамон мавзее мегузошт, ки ман даҳони худро гузошта будам. Нӯшобае менӯшидам ва зарфро ба он Ҳазрат (с) мededодам. Ӯ даҳонашро (дуруст) дар ҷое мегузошт, ки ман лаб ниҳода будам.***[4]

Ҳамчунин аз ривоятҳо собит мешавад, ки бӯсу канор ва дигар васлатҳои заношавҳарӣ, ба ҷуз омезиши ҷинсӣ, ҳама ҷоиз ва биломонеъ мебошанд.

Дар ин оят бори дигар усули эътидолгароӣ ва миёнарави (васатият)-и ойини Ислом дар муошират бо занон ҳам барои мардуми он замон ва ҳам барои тамоми ҷомеаи башарӣ дар ҳамаи давру замонҳо мавриди таъкид қарор гирифтааст. Аз як тараф, ҳайзро азо (палидӣ, ранҷ ва ҳолати осебпазирии зан) ба шумор оварда ва аз тарафи дигар, онро як раванди одӣ ва ҳолати дарунҷисмӣ (физиологӣ)-е донистааст, ки бар духтарони одам ва ҷинси занон навишта шудааст. Оиша (рз) ривоят мекунад: *«Дар сафари ҳаҷ вақте ба (мавзее дар наздикиҳои Макка бо номи) Сараф расидем, ҳайз дидам. Расули Худо (с) бар ман ворид шуд ва дид, ки мегирям,* ***пурсид чӣ мегирӣ? Магар ҳайз дидаӣ?*** *Гуфтам: Оре. (Вай бо меҳрубонӣ) фармуд:* ***Ин коресте, ки Худо онро бар духтарони Одам навиштааст. Ба ҷуз тавофи Хона дигар тамоми корҳои ҳаҷро анҷом бидеҳ!»***[5]

Қуръони карим барои ифодаи дақиқ ва илмии падидаи ҳайз калимаи «маҳиз»-ро ба кор бурдааст, ки ҳам хуни ҳайз, ҳам вақти давраи ҳайзбинӣ ва ҳам мавзеи он (фарҷ)-ро ба хубӣ ифода мекунад. «**Туро дар бораи ҳайз мепурсанд, бигӯ: Он азо (палидӣ, нохушӣ ва ранҷ)-е аст, пас дар муддати давраи ҳайз аз (наздикӣ ба мавзеи ҳайзи) занон канорагирӣ намоед»**.

Аз корбурди ибораҳои қуръонӣ дар бораи ҳайз ва аз маҷмӯи осори ривоятшуда аз паёмбари акрам (с) дар ин бора бармеояд, ки ҳайз падидаи дарунҷисмонӣ (физиологӣ)-и хосе аст, ки асарот ва зуҳуроти нисбатан устувори равониеро дар ботини зан ба вуҷуд меоварад ва он аз мавқеи илми равоншиносии муосир ба ҳайси падидаи равонӣ-ҷисмонӣ (психофизикӣ)[6] шинохта

---

[1] Дар идомаи ҳадис омадааст: ***«Вақте ин хабар ба яҳудиён расид, гуфтанд: Ин мард ҳеҷ корамонро намехоҳад фурӯ гузорад, магар дар он бар хилофи мо рафтор мекунад. Усайд ибни Хузайр ва Аббод ибни Бишр гуфтанд: Эй расули Худо (с), яҳудиён чунину чунон мегӯянд, пас чӣ мешавад (баръакси эшон дар ҳолати ҳайз низ) бо онҳо муҷомаат (ҳамхобагӣ) намоем?*** Ровии ҳадис мегӯяд: ***(Бо шунидани ин сухан) чеҳраи расули Худо (с) тағйир ёфт, ҳатто гумон кардем, ки бар онҳо хашм гирифтааст. Онҳо (бо дидани ин вазъ аз пеши ӯ) хориҷ шуданд ва дар ин вақт ҳадяи шире, ки барои паёмбар (с) оварда мешуд, аз пешашон баромад. паёмбар (с) дар пайи онҳо фиристод ва аз он шир ба онҳо нӯшонд ва бо ҳамин донистанд, ки ӯ бар эшон хашм нагирифтааст»*** (Саҳеҳи Муслим, 692 (302)-16).

[2] Сураи Бақара, 2: 222.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 295; Саҳеҳи Муслим, 688 (297)-10.

[4] Саҳеҳи Муслим, 692 (300)-14.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 294, 305, 316; Саҳеҳи Муслим, (1211)-119-121.

[6] Психофизика ва психофизиология бахше аз равоншиносӣ буда, таносуби рӯйдодҳо ва падидаҳои равонӣ бо равандҳои ҷисмонӣ (физикӣ ва физиологӣ) ва таъсири онҳоро дар якдигар меомӯзад.

мешавад. Ба андешаи муфассирон вожаи **«азо»** дар ибораи **«бигӯ: Он (ҳайз) азое аст»** ҳам маънои нопокӣ ва палидӣ ва ҳам маънои ранҷ, зиён ва осебпазириро ифода мекунад, ки он ба таври равшане ба фароянди илмии мазкур дар риштаи равоншиносии муосир далолат менамояд.

Пас аз пешрафтҳои сареи илми тиб дар асри бистум донишмандони соҳа баъзе хатарҳо ва зиёнҳои муошират ҷинсӣ дар ҳолати ҳайзро кашф намуда, бори дигар мӯъҷиза будани Қуръонро таъйид намудаанд, зеро он чаҳордаҳ аср пеш палид будани ҳайз ва бештар осебпазир гардидани занонро дар аснои давраи ҳайз ба мардум хабар дода, мамнӯияти муошират ҷинсӣ бо онҳоро дар ҳолати ҳайз ба ҳайси яке аз муҳимтарин қонунҳо дар заминаи муносибатҳои оилавӣ поягузорӣ намудааст. Дар аҳодиси набавие, ки дар ин бора собит шудаанд, низ ба таври дақиқ ранг, бӯй ва баъзе хусусиятҳои дигари хуни ҳайз муайян гардидаанд, ки дар ин маврид эъҷози илмӣ ба шумор мераванд.

Ҳайз аз назари илмӣ як падида ва ё раванди физиологие мебошад, ки дар раҳми зани болиғ ва ҳайзбин дар ҳамоҳангӣ бо тухмдон ва дигар узвҳои таносулӣ ва ба таври умум бо тамоми ҳастии ӯ дар давраи муайяне ба амал меояд. Сатҳи дохили раҳмро пардае пӯшонидааст, ки дар давраи покӣ рагҳои бузург ва мӯйрагҳои он бо хун тағзия ва пур мегарданд ва ғафсии он, ки дар ибтидо аз ним милиметр камтар аст, ба панҷ ва пас аз он ба ҳафт ва ҳашт милиметр мерасад. Дар тамоми ин давра аз як сӯ, ҳамеша бо гормонҳои ҳамл (бордорӣ) аз ҷониби тухмдон таъмин мешавад ва ҳамчунин барои бордор шудани он тухмҳуҷайраҳое ба сӯяш партоб мешаванд. Зан ба таври комил ва хосатан раҳм (бачадон)-и ӯ аз назари физиологӣ барои қабули тухмҳуҷайраи бордоршуда омода мегардад ва ин майли фитриашро раҳм бо кашишҳои хосе дар қабати дохилиаш изҳор медорад.

Вақте то поёни давраи покӣ раҳм натавонист бордор шавад, тухмдон дигар ирсоли гормонҳои ҳамлро, ки дар истилоҳи илмӣ бо номи прожестрон (Progesterone)[1] шинохта мешаванд, ба он қатъ менамояд ва дар натиҷа рагҳои хунгард низ фишурда мешаванд ва тағзияи пардаи дохили раҳм бо хун қатъ мегардад. Бар асари ин амалияи физиологӣ пардаи мазкур пажмурда ва рагҳои зери он пора мешаванд ва хуни ҷамъшуда ба берун мебарояд. Хуни ҳайз вақте аз рагҳо ба раҳм мерезад, дар он ҷо лар мебандад, вале организм фаъолияти дигаре анҷом медиҳад ва бо ҷудо намудани хамираҳои анзим[2] (Nucleases) хунро равон (моеъ) месозад. Бинобар ин, хуни ҳайз вақте аз бадани зан хориҷ мешавад, дигар ҳеҷ гоҳ лар намебандад.

Хуни ҳайз сиёҳтоб, гарм ва дорои бӯи хосе мебошад, дар таркиби он бар асоси амалиётҳои озмоишгоҳӣ илова бар маводи аслӣ резапораҳои хурди пардаи дохили раҳм низ дида мешавад.

Дар ин ҷо ба баъзе иктишофот ва тавсияҳои беҳдоштии донишмандони илми тиб дар ин бора ишора менамоем, ки ба таври қатъӣ ҳақоиқи қуръониро таъйид менамоянд:

1. Дар аснои давраи ҳайз, ки раҳм (бачадон)-и зан хуни ҷамъшудаи дохилашро ба берун мепартояд, он аз ҳар замоне осебпазиртар ва имкони ба вуҷуд омадани илтиҳоботи гуногун дар он бештар мегардад.

2. Раҳм ва дастгоҳи таносулии зан дар он вақт дар маърази ҳуҷуми ҳар гуна микробу вирусҳо қарор мегирад, зеро муҳити хунолуд барои пайдо шудани онҳо бештар мусоидат мекунад.

Табибон ба мушоҳида расонидаанд, ки бактерия (паразит)-и трихоманоз (Trichomonas vaginalis) дар аснои ҳайз чаҳор баробар афзоиш меёбад ва сабаби илтиҳоби дастгоҳи таносулии марду зан мегардад ва он танҳо аз тариқи муошират ҷинсӣ ба онҳо интиқол меёбад. Оморҳои тиббӣ нишон медиҳанд, ки аз 30 % то 50 % занони ғарбӣ ва аз 40 % то 60 % мардон дар он ҷо ба ин беморӣ ва ё паразит гирифтор мебошанд.

3. Хуни ҳайз сабабгор ва ангезандаи бисёре аз бемориҳоро аз вуҷуди зан дур ва баданашро аз микробҳо пок месозад ва вақте бо вай дар ин ҳолат муошират ҷинсӣ сурат гирад, пеши

[1] Прожестрон: исм. [физиологӣ] гормони тарашшуҳии зардчатобе аст, ки барои тағзия ва нигаҳдории пардаи дохили заҳдон (раҳм) дар давраи обистанӣ мусоидат менамояд.

[2] Анзим (энзим) ва ё онзим: исм. [физиологӣ] аз ҷумлаи катализаторҳои маъмулан протеинӣ аст, ки ба василаи ҳуҷайраҳои зинда тавлид мешавад ва дар моеъ сохтани хун таъсир мерасонад.

роҳи хуруҷи онҳо гирифта мешавад.

4. Дар муддати давраи ҳайз агар аз як сӯ, вуҷуди баъзе бактерияҳои зараровар дар маҳбали зан афзоиш ёбанд, ҳамзамон бактерияҳои муҳофизатӣ, ки бо номи бактерияҳои асомонанди дудерлинӣ (Doderlen Bacilli) шинохта мешаванд, хеле кам ва дар ниҳоят тамоман дур мешаванд. Ин бактерияҳои дудерлинӣ дар зери таъсири гормонҳои тухмдон қарор дошта, бо таркиботи қандие, ки аз онҳо ҷудо мешавад, тағзия мешаванд. Бо ҳамоҳангии дақиқи физиологие дар байни раҳм ва тухмдони зан пеш аз саршавии ҳайз ин гормонҳо хеле кам ҷудо мешаванд ва баръакс, дараҷаи ионнокии кислотаи маҳбал аз ҳолати кислотагӣ ба ишқорӣ табдил меёбад ва дар натиҷа он бактерияҳо мемиранд ва ҳамроҳи хуни ҳайз аз маҳбали зан берун партофта мешаванд.

5. Ҳайз барои занон ҳарчанд як раванди табиӣ ва физиологӣ бошад ҳам, вале ба таври пайваста ҳар моҳ аз даст додани миқдоре хун онҳоро дучори норасоии хун ва ё камхунӣ мекунад.

6. Ҳарорати бадани зан дар аснои ҳайз як дараҷа поин мефарояд, зеро амалия ва ё ҷараёни таҳвили маводи ғизоӣ ба энергияи зинда, ки дар истилоҳи илмӣ бо номи мубодилаи моддаҳо дар организм ва ё метаболизм шинохта мешавад, хеле суст мешавад ва иқтидори қабули энергия дар бадани вай ба пасттарин сатҳ поин меравад.

7. Илова бар ин, имкони бурузи ҳар гуна мушкилоти равонӣ барои онҳо дар сурати анҷоми муошарати ҷинсӣ дар аснои ҳайз зиёд аст, ки метавонад ба нафрат ва ҳатто ба ҷудоии онҳо аз якдигар бианҷомад. Зеро зан дар ҳолати ҳайз ба тиранафсӣ, афсурдарӯҳӣ, камбардоштӣ ва тундмизоҷӣ дучор мешавад ва ин таҳаввулоти равонӣ ҳатман дар ақлу андешаи ӯ таъсир мегузорад ва вай дар ин ҳолат дар поинтарин сатҳи омодагӣ барои муошарати ҷинсӣ қарор дорад. Бо дарназардошти ҳамин вазъи номутаодили равонии зан дар ҳолати ҳайз расули Худо (с) талоқ кардани занро дар аснои ҳайз наҳӣ кардааст.

Ояти баъдӣ равиши дурусти ба роҳ мондани муошарати ҳамбистарӣ ва мавзеи шаръии ба ҷой овардани робитаи маҳрамонаи заношавҳариро баён менамояд. Ин оят низ ба ислоҳи яке аз эътиқодоти нодурусте мепардозад, ки дар зимни андешаҳои хурофотгароёнаи яҳудиён ба зиндагии мардуми араб роҳ ёфта буд. Бинобар эътиқоди онҳо вақте аз пушт ба ҳамсар наздикӣ шавад, фарзанде, ки аз чунин ҳамхобагӣ ба дунё меояд, аҳвал (олусчашм) мебошад. Қуръони карим ин эътиқоди нодурустро ислоҳ намуда, комҷӯии зану шавҳарро аз ҳамдигар, ба шарте дар мавзеи машрӯъи худ анҷом дода шавад, ба ҳар тарзе, ки барояшон муносибтар бошад, иҷозат додааст. Аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст, ки «*яҳудиён мегуфтанд: Касе бо ҳамсараш аз пушт наздикӣ намояд, фарзандаш олусчашм (қоҷ) меояд. Дар ин ҳолат Худованд ин оятро нозил кард*».[1]

Дар ин оят Худованд ҷойгоҳи бузурги занро баён намудааст. Зан бавуҷудоварандаи насли инсон ва киштзори сабзиши фарзанди одам мебошад. «**Занонатон киштзори шумо ҳастанд, пас ба киштзори худ, чӣ гунае мехоҳед, ворид шавед ва барои худ (аъмоли некеро) аз пеш фиристед. Ва (ҳатман) тақвои Худоро намоед ва бидонед, ки шумо ногузир бо Ӯ мулоқот хоҳед кард ва муъминонро мужда бидеҳ**!».[2]

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 4254, 4528; Саҳеҳи Муслим, 3535 (1435)-117.

[2] Мавзӯи «Назари Қуръон дар бораи ҳайз» аз Тафсири навини Қуръони карим, фишурдаи тафсири оятҳои 222-223 сураи Бақара баргирифта шудааст.

Фасли ҳаштум

ИСТИҲОЗА

Мустаҳоза ба зане гуфта мешавад, ки ҷараёни хунбинии ӯ қатъ намешавад. Ҳукми шаръӣ барои вай ин аст, ки: агар пеш аз дучор шудан ба ҳолати истиҳоза, дар рӯзҳои муайяне аз ҳар моҳ одати моҳона дошта бошад ва шумораи он рӯзҳоро низ ба хотир дошта бошад, ба миқдори ҳамон рӯзҳо намозу рӯза ва ҳамбистариро тарк менамояд ва пас аз гузаштани он рӯзҳо ғусл намуда, намозу рӯзаашро ба ҷой меоварад ва равобити заношӯӣ бо ӯ мумониате надорад.

Ҳукми зани мустаҳоза дар тиловати Қуръон, дохил шудан ба масҷид, гирифтани рӯзаи фарзӣ ва нафлӣ ва ҳамбистарии шавҳараш бо ӯ, монанди ҳукми зани пок ва тоҳира мебошад, вале агар хун ҳама вақт аз вай равон бошад, вай ҳукми шахси маъзурро мегирад. Дар вақти ҳар намоз вузӯ мегирад ва ҳар қадар намози фарзу нафле, ки бихоҳад, бо он вузӯ ба ҷой меоварад. Бо хориҷ шудани вақти намоз вузӯяш мешиканад. Вақте вузӯ гирифт, намоз, тавофи хонаи Худо, ба даст гирифтани Қуръон ва тамоми корҳое, ки барои зани ҳоиз ва нуфасо мамнӯъ буданд, барои ӯ ҷоиз мебошанд.

Дар ҳолатҳои зерин хуне, ки зан мебинад, хуни истиҳоза аст:

1. Ҳар гоҳ хун камтар аз се рӯз, ки ҳадди поёни муддати ҳайз аст, биёяд.

2. Зане, ки бори аввал хун бинад ва ин хун бештар аз даҳ рӯз, ки ҳадди болои муддати ҳайз аст, идома ёбад, дар ин сурат даҳ рӯзи он ҳайз буда, боқии он истиҳоза аст.

3. Агар зане бори аввал таваллуд намояд ва хунаш бештар аз чиҳил рӯз, ки ҳадди болои муддати нифос аст, идома ёбад, дар ин сурат чиҳил рӯзи он нифос буда, бақияаш истиҳоза мебошад.

4. Хуне, ки бештар аз аксари муддат (даҳ рӯз барои ҳайз ва чиҳил рӯз барои нифос) ҷорӣ мегардад, истиҳоза мебошад.

5. Хуне, ки зани ҳомила ҳангоми бордориаш мебинад, низ истиҳоза мебошад.

Корҳое, ки анҷом додани онҳо барои зани ҳоиз ва нуфасо ҷоиз набуд, барои зани мустаҳоза ҷоиз мебошанд ва ҳамчунин, қазои намозҳои фарзии рӯзҳои истиҳоза (намозҳое, ки барои мушаххас гардидани ҳолати хунбиниаш, ки ҳайз аст ё не, тарк намудааст) бар вай воҷиб аст.

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ ҲАЙЗ, НИФОС ВА ИСТИҲОЗА

1. Аз он ҷо ки ҳадди поёни муддати ҳайз се шабонарӯз аст, агар зане се шабу ду рӯз, ё се рӯзу ду шаб узри занона бинад, мас., аз субҳи рӯзи ҷумъа то шоми рӯзи якшанбе ё аз шоми рӯзи ҷумъа то субҳи рӯзи душанбе, онро ҳайз гуфта намешавад, зеро он аз муддати муайяни ҳайз камтар мебошад.

2. Агар зан дар замони поёнтар аз синну соли балоғат, ки одатан нуҳсолагист ё болотар аз даврони аз баҳр бозмонданаш, ки аз умри панҷоҳу панҷ ба боло мебошад, узре ҳам бинад, ҳайз ба шумор намеояд, балки он истиҳоза мебошад.

3. Занеро одат бар ин бошад, ки ҳар навбат чаҳор ё панҷ рӯз узри моҳона бинад, вале якбора дар ин моҳ аз одати қаблиаш бештар бинад, агар то даҳ рӯз расад ва зиёд нашавад, ҳамаи он даҳ рӯз ҳайз ба шумор меояд. Аммо агар аз даҳ рӯз бештар шавад, ба андозаи одати қаблӣ ҳайз ва зиёдатӣ истиҳоза мебошад.

4. Зане чаҳор рӯз одат дошта бошад, вале дар ин моҳ панҷ рӯз ва дар моҳи дигар понздаҳ рӯз узр бинад, аз ҳар моҳ панҷ рӯзаш ҳайз ва бақия истиҳоза мебошад. Одати қаблии вай, ки чаҳор рӯз буд, дигар эътибор надорад.

5. Занеро одати муайян набошад, балки як моҳ се рӯз, моҳи дигар панҷ ё ҳафт рӯз узри моҳона мебинад, ин тағйире, ки дар рӯзҳои ҳар моҳ пеш меояд, то замоне ки дар миёни ҳадди поён ва болои муддати ҳайз бошад, тамоми он рӯзҳо ҳайз ба шумор мераванд. Аммо агар дар моҳе бештар аз даҳ рӯз хун бинад, дар

ин сурат бояд бидонад, ки дар моҳи гузашта чанд рӯз ҳайз дидааст. Баробари он аз ин моҳ ҳайз ва боқӣ истиҳоза ҳисоб мешавад.

6. Зане се шабонарӯз одати моҳона бинад ва понздаҳ рӯзи дигар пок бимонад ва пас аз он боз се шабонарӯз одаташ такрор ёбад, дар ин ҳолат ҳайз ва покии миёни ду ҳайз дар ҳадди поёни муддатҳои худ сурат гирифтаанд. Се рӯзи аввал ва охир ҳайз ва понздаҳ рӯзи миёна покӣ (туҳр) мебошанд.

7. Агар як ё ду рӯз узр бинад, сипас понздаҳ рӯз пок бимонад ва боз як ё ду рӯзи дигар узр бинад, понздаҳ рӯзи миёна, ки ба камтарин муддати покӣ мутобиқ аст, туҳр ва узри рӯзҳои аввал ва охир истиҳоза мебошад.

8. Агар як ё ду рӯз узр бинад, сипас дувоздаҳ ва ё чаҳордаҳ рӯз пок бошад, он гоҳ боз ба муддати як ё ду рӯз узраш такрор ёбад, аз он ҷо ки покии ӯ аз ҳадди поёни муддати туҳр камтар аст, дар ҳукми рӯзҳои узр ҳисоб гашта, ба андозаи одати моҳи гузашта ҳайз ва бақия истиҳоза ба шумор меоянд.

9. Дар айёми ҳайз намозу рӯза қатъан барои зан манъ аст ва танҳо фарқаш дар ин аст, ки намоз комилан аз зиммааш соқит мегардад ва пас аз пок гаштан низ қазояш бар вай воҷиб нест, аммо қазои рӯзаро пас аз пок гаштан бояд ба ҷо оварад.[1]

10. Агар дар аснои намози фарз одати моҳонааш сурат гирад, он намоз аз зиммааш соқит мегардад. Агар дар аснои намози нафл ҳайз бинад, он намозро бояд қазоӣ ба ҷо оварад.

11. Агар рӯзона дар моҳи рамазон ҳайз бинад, рӯзааш мешиканад ва бояд қазои он рӯзро ба ҷой оварад.

12. Одати моҳонаи зане камтар аз даҳ рӯз бошад, пас аз пок гаштан бар асоси одати муайянаш то замоне ки ғусл нагирифта ё фурсати вақти як намоз бар покиаш нагузашта бошад, ҳамбистарӣ бо вай ҷоиз нест.

13. Зане панҷ рӯз одати моҳона дошта бошад ва иттифоқан ин моҳ чаҳор рӯз ҳайз дида, пок гардад, ғусл намуда намозашро мехонад, вале пеш аз комил шудани одати муқаррариаш (панҷ рӯз) ҳамбистарӣ бо вай ҷоиз нест. Агар баъд аз даҳ рӯз ё дар даҳ рӯзи комил пок гардад, пеш аз ғусл муқорабат бо вай ҷоиз аст.

14. Зане пас аз як ё ду рӯз хунбинӣ пок гардад, ғусл бар вай воҷиб намешавад, балки вузӯ гирифта, намоз мехонад, вале ҳамбистарӣ бо вай ҷоиз нест. Агар пеш аз понздаҳ рӯз хунбиниаш дубора такрор ёбад, маълум мешавад, ки ин муддат замони ҳайз аст. Ба андозаи одати қаблиашро ҳайз ҳисоб карда, ғусл намояд ва намозашро бихонад. Вале агар аз понздаҳ рӯз гузашт ва хунбинӣ такрор наёфт, маълум мешавад, ки он як ё ду рӯзи аввал истиҳоза буда, намозҳоеро, ки дар он муддат тарк намудааст, қазоӣ ба ҷой оварад ва ғусл бар вай воҷиб нест.

15. Занеро се рӯз одати моҳона бошад, вале дар ин моҳ одаташ бештар аз се рӯз давом ёбад, бояд сабр намояд; агар то даҳ рӯзи пурра ё камтар аз он расад, тамоми он рӯзҳо ҳайз ба ҳисоб меравад. Одати қаблиаш бошад, тағйир ёфтааст. Аммо агар аз даҳ рӯз гузашт, ба андозаи одати қаблӣ ҳайз ва боқӣ истиҳоза ба шумор меояд. Намози он рӯзҳоро қазоӣ ба ҷой оварад.

16. Агар аз даҳ рӯз камтар ҳайз бинад ва чун пок гардад, вақти бозмонда барои намоз хеле танг бошад, бояд мулоҳиза шавад, ки вақти дарёбгашта оё гунҷоиши ғусл кардан ва такбири таҳрима гуфтанро дорад ё не, агар дорад, намози он вақтро бояд қазоӣ ба ҷой оварад, вагарна намози он вақт низ аз зиммааш соқит аст.

17. Аммо агар хунбиниаш аз даҳ рӯз бештар давом ёбад ва чун пок гардад, вақт танҳо гунҷоиши *«Аллоҳу акбар»* гуфтанро дошта бошад, боз ҳам намози он вақтро қазоӣ ба ҷой оварад.

18. Агар дар моҳи Рамазон рӯзона аз ҳайз пок гардад, бақияи он рӯз имсок (аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ) намояд, вале он рӯза ба шумор намеояд, балки рӯзаи он рӯзро бояд қазоӣ ба ҷой оварад.

19. Агар пас аз даҳ рӯз шабона аз ҳайз пок гардад, рӯзаи рӯзи оянда барояш воҷиб мебошад, агарчи аз шаб ба миқдори гуфтани такбири таҳрима вақт боқӣ намонда бошад. Вале агар камтар аз даҳ шабонарӯз ҳайз бинад ва шабона пок гардад, агар аз шаб танҳо ба андозаи ғусл кардан, на такбири таҳрима гуфтан, вақт боқӣ монда бошад, рӯзаи рӯзи оянда барояш воҷиб мегардад. Аммо агар дар ҳамин фурсати дар даст дошта низ ғусл нагирифт, рӯзаро нияти намояд ва субҳ ғусл кунад. Вале агар ба ин ан-

[1] Дар мавзӯи «Корҳое, ки барои занон дар аснои ҳайзу нифос мамнӯъ мебошанд» ва поварақии марбут ба он далели шаръии ин масъала зикр гардид.

доза ҳам вақт намонда бошад, рӯзаи рӯзи оянда воҷиб намегардад, вале аз хӯрдану ошомидан бояд худдорӣ намояд.

20. Вақте хун ба фарҷи берунӣ расид, муддати ҳайз оғоз меёбад.

21. Ҳамон гуна ки гуфта шуд, муддати нифос ҳадди поён надорад, имкон дорад пас аз таваллуд як соат ё камтар хун бинад ва пок гардад. Аммо ҳадди болои он ки чиҳил рӯз аст, бештар аз он истиҳоза ба шумор меояд.

22. Зане дар ҳолати нифос бештар аз чиҳил рӯз хун бинад, агар он зан қаблан ҳам таваллуд намуда ва дар пок гаштан аз нифос одати муайяне дошта бошад, мас., дар таваллудҳои пешинаи худ бист рӯз нифос дидааст, дар ин таваллудаш низ бист рӯзи он нифос ва бокӣ истиҳоза мебошад. Агар одати муайяне надошта бошад, чиҳил рӯзи он нифос ва бақия истиҳоза мебошад.

23. Ҳукми истиҳоза ба монанди хунест, ки аз бинӣ ё захме ба таври доимӣ берун меояд. Чунин зане намозу рӯзаашро бояд ба ҷо оварад ва бо вай муқорабат низ ҷоиз аст.

24. Аҳкоми истиҳоза низ ба монанди аҳкоми маъзур аст. Зани истиҳозабинанда бояд барои ҳар вақт намоз вузӯи нав бигирад.

АҲҚОМИ МАЪЗУР

Шахсеро маъзур мегӯянд, ки бинобар иллате яке аз шиканандаҳои вузӯ бардавом аз вай хориҷ мешавад ва ҳеҷ гоҳ наметавонад бо покӣ намозеро ба ҷой оварад.

Зане, ки ҳама вақт хунаш ҷорӣ мешавад ва ҳамчунин касе, ки ҳамеша пешобаш мечакад ва ё шахсе, ки хуни биниаш ҷорӣ аст ва низ дигар афроди маъзур бояд барои ҳар намозе вузӯ намоянд ва ҳар қадар, ки хоҳанд, метавонанд бо он вузӯ намози фарз ё нафл бихонанд.

Вузӯи афроди маъзури номбурда то баромадани вақти намоз идома дорад ва бо баромадани вақти намоз вузӯи эшон ботил мешавад.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ МАЪЗУР

1. Агар дар миёнаи вақт, ки вузӯи шахси маъзур боқӣ аст, яке дигар аз шиканандаҳои вузӯ, ғайри узри қаблан доштааш, ба вуҷуд биояд, вузӯяш мешиканад. Бояд вузӯи нав бигирад.

2. Агар шахси маъзур вақти бомдод вузӯ гирифта бошад, бо баромадани офтоб вузӯяш мешиканад. Агар баъд аз баромадани офтоб вузӯ гирифт, метавонад бо он вузӯ намози пешинашро бигузорад, зеро вузӯи шахси маъзур бо баромадани вақт мешиканад, на бо даромадани вақт. Бинобар ин, ҳамин ки вақти намози пешин ба охир расид, муддати вузӯи вай низ ба охир мерасад.

3. Дар бадани шахс захмест, ки хун ё зардоб ҳамеша аз он ҷараён дорад, агар ин шахс вузӯ гирад, он гоҳ ҷароҳати дигаре ба вай расад ва аз он низ хун ба ҷараён афтад, вузӯяш мешиканад.

4. Одам бо ин узрҳо вақте маъзур шуморида мешавад, ки вақти як намози комил бар вай бигузарад ва хун ё зардоб ё ғайри он ҳамчунин дар ҷараён бошад, яъне он қадар фурсат наёбад, ки намозашро дар он бо вузӯ бигузорад. Вале агар ин фурсат барояш муяссар бошад, вайро маъзур гуфта намешавад ва ҳукми маъзур дар ҳаққи вай ҷорӣ намегардад. Албатта, дар фурсатҳои дигар ба таври доимӣ ҷорӣ будани хун шарт нест, балки барои маъзур шумурда шудани шахс ҳамин қадар кофӣ мебошад, ки хун гоҳе ҷорӣ бошад ва гоҳе биистад.

5. Агар чанд дақиқае аз вақти намози пешин гузашта бошад, ки хун ё зардоб ва ё ҳар чизи дигаре дар ҷараён афтад, бояд то лаҳзаҳои охири вақт интизорӣ бикашад. Агар узри номбурда бозистод, вузӯ гирифта, намозашро бихонад ва агар наистад ҳам, вузӯ гирифта намозашро бихонад. Сипас дар вақти аср агар пайваста ҷорӣ бошад ва ҳеҷ гоҳ наистад, он вақт шахс маъзур дониста мешавад ва аҳкоми маъзур дар ҳаққи вай собит мегардад. Вале агар дар вақти аср узри мазкур (хун, зардоб ва ғайра) аз ҷорӣ шудан бозмонад, дар ин сурат маъзур шумурда намешавад ва намози пешинро бояд қазо биёварад.

6. Шахси маъзур агар ба иллати дигаре ғайр аз узраш вузӯ гирифт ва баъд аз вузӯ узраш аз нав ба вуҷуд омад, бояд аз нав вузӯ бигирад.

7. Агар хун ё пешоб ва ғайра аз шахси маъзур ба либосаш рехт, нигоҳ кунад: Агар пеш аз пурра гузоридани намоз дубора мерезад, шустани он зарурат надорад, вале агар гумон меравад, ки ба ин зудӣ намерезад, шустани он лозим аст.

Фасли нуҳум

НАҶОСАТҲО ВА ПОК КАРДАНИ ОНҲО

Наҷосат иборат аст: а) аз тамоми палидиҳое, ки шариат ба нопокии (наҷис будани) онҳо ҳукм намудааст ва б) ҳамчунин аз қарор дошт ани банда дар ҳолате, ки аз назари шариат нопок дониста мешавад. Наҷосатҳои навъи аввал аз назари шариат наҷосатҳои ҳақиқӣ номида мешаванд ва агар бадан, либос ва ҷои намози шахсе ва ё дигар чизҳои покиза ба онҳо олуда гарданд, нопок мегарданд ва бояд аз он пок сохта шаванд. Навъи дуюм бошад, наҷосати ҳукмӣ ба шумор меравад ва шахс вақте дар он ҳолат қарор гирад, шаръан бояд худро пок созад.

Пас наҷосат бар ду навъ – а) ҳақиқӣ ва б) ҳукмӣ ҷудо мешавад.[1]

НАҶОСАТИ ҲАҚИҚӢ

Наҷосати ҳақиқӣ иборат аз палидӣ ва нопокие аст, ки шахси мусулмон бояд худ ва ҳар он чиро, ки наҷосат ба вай расидааст, пок созад.

Наҷосати ҳақиқӣ ду қисм аст:

а) Наҷосати ғализа ва б) наҷосати хафифа.

1. Наҷосати ғализа иборат аз он навъи наҷосатҳоест, ки нопок будани онҳо бо далелҳои қатъӣ собит гардидааст ва ҳеҷ шакку шубҳае дар онҳо вуҷуд надорад.

Тамоми чизҳое, ки бо хориҷ шудани онҳо аз бадани шахс вузӯяш мешиканад ва ё ғусл бар вай воҷиб мегардад, ба монанди бавл (пешоб), ғоит (ахлот), оби манӣ, мазӣ, вадӣ, риму зардоб, қайе (истифроғе), ки даҳонро пур созад, хуни ҳайз, хуни нифос ва хуни истиҳоза наҷосати ғализа ба шумор мераванд. Ҳамчунин саргин ва оби даҳони (луъоби) даррандагон, саргини тамоми ҳайвонот ва ҷонварон, саргин ва оби даҳони саг, хуни рехта (мак), ҳайвони худмурда (гӯшт ва пӯсти он), пешоби ҳайвоноте, ки гӯшти онҳо хӯрда намешавад, шароб (арақ) ва ғайра дар наҷосати ғализа дохил мебошанд.

2. Наҷосати хафифа иборат аз он навъи наҷосатҳоест, ки ба нопок будани онҳо яқин ҳосил нагардидааст ва наҷас будани онҳо ба таври қатъӣ собит нашудааст, зеро дар баробари далелҳое, ки бар наҷас будани онҳо далолат мекунанд, далелҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки бар покии онҳо далолат мекунанд. Бинобар ин, аҳкоми ин наҷосатҳо аз аҳкоми наҷосатҳои навъи аввал сабуктар аст.[2]

Дар наҷосати хафифа, ки ҳукмаш сабуктар аст, бавли (пешоби) ҳайвоноти ҳалолгӯшт, ба монанди гов, шутур, гӯсфанд, асп ва ғ. ва пасафкандаи (ахлот) паррандаҳои ҳаромгӯшт дохил мешаванд. Аммо пасафкандаи паррандаҳои ҳалолгӯшт пок ва тоҳир аст, ба ҷуз пасафкандаи мурғ, мурғобӣ ва ғоз, ки наҷосатҳои ғализа ба шумор мераванд.

Фарқ миёни наҷосати ғализа ва хафифа дар он аст, ки агар наҷосати ғализа дар либос ё бадани намозгузор ба андозаи як дирҳам ва ё камтар аз он расида бошад, намози ӯ бо кароҳият ҷоиз мешавад.

Вале агар наҷосат хафифа бошад, ҳаҷми ками он мавриди бахшудагӣ қарор гирифтааст ва агар миқдори то камтар аз чаҳор як ҳиссаи либос ё бадани намозгузорро иҳота карда бошад ҳам, намоз хондан бо он боке надорад.[3]

---

[1] Шоёни зикр аст, ки наҷосати ғализа ва хафифа дар тариқаи поксозии ашё аз онҳо ё миқдори оби масрафшуда барои поксозии онҳо аз якдигар фарқе надоранд. Фарқи онҳо дар аҳкоми фиқҳ танҳо дар миқдори муоф аз онҳо зоҳир мешавад, ки дар наҷосати хафифа нисбат ба ғализа миқдори бештареро муоф донистаанд.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 573–574.

[3] Дар бораи ин ки наҷосати хафифа аз чаҳор як ҳиссаи тамоми либос ва баданро фаро гирифта бошад, муоф аст ва ё аз чаҳор як ҳиссаи қисме аз пораҳои либос, ба монанди остин, доман ва ғ. (ё узве аз аъзои бадан, ба монанди даст, по, сар ва ғ.)-ро фаро гирифта бошад, дар поварақи «Ҳидояи шариф» ду ривоят омадааст. Дар

Ва аммо ҳар гоҳ наҷосати ғализа аз миқдори як дирҳам бештар бошад ва ҳамчунин, наҷосати хафифа ба қадре бисёр бошад, ки ба андозаи чаҳоряк ҳиссаи либос ё бадани намозгузорро иҳота намуда бошад, дар ин сурат намоз гузоридан бо онҳо ҷоиз намебошад.

Афв ва бахшуда будани миқдори дирҳаме аз наҷосати ғализаи касифа (ғафс ва ҷирмдор), миқдори кафи даст аз ғализаи рақиқа (тунук) ва миқдори рубъи тарафи либос ва рубъи узв аз наҷосати хафифа ба ин маънност, ки намоз бо он дар ҳолати зарурат ва қодир набудан ба изолаи он ё аз рӯи фаромушӣ ҷоиз мегардад, вале дар айни ҳол агар ба шустан ва пок кардани он қодир бошад, пас изолаи он мустаҳаб ва афзал аст ва тарки он хилофи авло аст.[1]

ТАРИҚАИ ПОКСОЗИИ ЧИЗҲОИ НАҶИС

1. Агар он наҷосат қобили дидан бошад, ба монанди хун, саргин ва ғайра поксозияш ба василаи ҳар моеъе ба мисли об, гулоб, сирко ва ғайра сурат мегирад, то он ки айн ва ҷирми он наҷосат зоил гардад.

Баъзе вақтҳо дур сохтани асар (пай, доғ ва бӯй)-и наҷосат мушкил мегардад, ки дар ин ҳолат боқӣ мондани он асар боке надорад.[2]

2. Агар он наҷосат пас аз расидан ба чизе қобили дидан набошад, ба монанди пешоб, оби наҷис ва ғ. бояд он се бор шуста ва фишурда (ҷафида) шавад. Вале агар онро ҷафида нашавад, баъди ҳар бор шустан бигузорем, ки оби он то охирин қатра битаровад.

Наҷосати ҳақиқӣ аз бадан, ҷома ва дигар ашё бо об ва бо ҳар навъ моеъоти поке, ки бо онҳо метавон наҷосатро дур сохт, ба монанди сирко, оби гул (гулоб) ва ғайра, пок мегардад, вале бо ин моеъот вузӯ гирифтан ҷоиз нест.

3. Агар наҷосат манӣ бошад, он дар ҳолати тарӣ танҳо бо шустан пок сохта мешавад, вале агар хушк шуда бошад, бо молида пок кардани он ҳам метавон иктифо намуд.[3]

Либос дар сурате ба шакидани манӣ пок мегардад, ки манӣ ғафс, ҷирмдор ва хушк шуда бошад. Аммо агар манӣ ғафсу ҷирмдор набошад, ҷуз бо шустан пок намегардад, чи тар бошад, чи хушк. Он ҳам ба шарте ки ба пешоб омехта нагашта бошад. Агар чунин бошад, ҷуз

як ривоят аз чаҳор як ҳиссаи тамоми либос (ва бадан)-ро қавли саҳеҳ гуфтааст ва дар ривояти дигар бинобар ваҷҳи эҳтиёт аз чаҳор як ҳиссаи қисме аз пораҳои либос (ва узве аз аъзои бадан)-ро саҳеҳтар дониста ва фатвои аксари машоихро бар ҳамин қавл гуфтааст. Ривояти якумро аз «Музмарот» ва ривояти дуюмро аз «Кирмонӣ» овардааст («Ҳидоя». Ҷ. 1. – С. 132).

Соҳиби «Радд» низ ин мавзӯъро ба тафсил баён карда, дар бораи он се қавлро аз фақеҳон овардааст. Ба қавли аввал, рубъи он тарафе аз либос, ки ба он наҷосат расидааст, ба монанди доман, остин ва ғ. ва рубъи он узве аз бадан гуфта шуда, ки ба он наҷосат расидааст, ба монанди даст, пой ва ғ. ва ин қавлро дар «ат-Туҳфа», «ал-Муҳит», «ал-Муҷтабо» ва «ас-Сироҷ» тасҳеҳ карда ва дар «ал-Ҳақоиқ» фатворо (дар мазҳаб) бар он гуфтааст. Ба қавли дигар, рубъи тамоми либос ва бадан гуфта шуда ва дар «ал-Мабсут» онро тасҳеҳ карда, вале он муоризи тасҳеҳи қаблӣ аст. Ва ба қавли сеюм, рубъи камтарин либосе гуфта шуда, ки дар он намоз ҷоиз мегардад ва ба гуфтаи Ақтаъ, ин саҳеҳтарин ривоят дар ин боб аст, вале он маҳдуд бар либос аст. Вале қавли аввал роҷеҳтар аст, зеро фатво бар он аст.

Наҷосат агар ба чизи моеъ бирасад, мас. дар об биафтад, хоҳ хафифа бошад, хоҳ ғализа, гарчи кам ҳам бошад, онро наҷис мегардонад ва дар он миқдори рубъ ё дирҳам эътибор надорад. Аммо вақте ин моеи наҷисгашта ба либос ё бадани касе бирасад, он гоҳ дар он бар ҳасаби асли наҷосат рубъ ё қадри дирҳам ба эътибор гирифта мешавад ва он миқдор аз он афв мебошад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 578–579).

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 571–572.

[2] Паёмбар (с) дар бораи хуни ҳайзе, ки ба либос расидааст, мефармояд: ***«Онро бишӯй ва дар он намоз бихон». Пурсида шуд: Ҳар чанд асари хун аз он дур нашуда бошад?, фармуд: «Шустани хун туро кифоя аст ва боқӣ мондани асари он дигар бароят зараре надорад»*** (Сунани Абудовуд, 365; Муснади имом Аҳмад, 8549, 8716. Ҷ. 3. – С. 52, 78; Сунани Куброи Байҳақӣ, 4218. Ҷ. 3. – С. 403).

[3] Оиша (рз) мефармояд: *«Маниро аз либоси расули Худо (с), вақте хушк мебуд, (бо дастам) шакида тоза мекардам ва вақте тар мебуд, онро шуста пок месохтам»* (Сунани Дорақутнӣ, 3. Ҷ. 1. – С. 125. Муснади Баззор (ал-Баҳру-з-заххор).

Ҳамин тавр, аз Оиша (рз) ривоят шудааст ки *«Маниро аз либоси расули Худо (с) шакида пок мекардам»* (Саҳеҳи Муслим, 667; Сунани Абудовуд, 372; Сунани Насоӣ, 295, 296, 297, 299; Муснади имом Аҳмад, 24415, 24487, 25250, 25493, 25733. Ҷ. 7. – С. 180, 191, 304, 341, 375; Муъҷаму-с-сағир, 1184. Ҷ. 1. – С. 488; Сунани Куброи Байҳақӣ, 4267, 4269, 4270, 4273. Ҷ. 3. – С. 418, 419, 420).

Дар баъзе ривоятҳо аз Оиша (рз) омадааст, ки *«Паёмбар (с) вақте мании хушкшударо дар либоси худаш ва ё дар либосҳои болопӯши яке аз мо медид, онро (бо дасташ) шакида пок мекард»* (Саҳеҳи Ибни Хузайма, 294. Ҷ. 1. – С. 149; Муъҷаму-л-авсат, 6664. Ҷ. 7. – С. 29).

бо шустан пок намегардад.

4. Агар пойафзор наҷис гардида ва он наҷосат аз қабили ғоит, хун ва ҳар чизе, ки айнаш монданӣ аст, бошад, поксозии он ба ин тариқа аст, ки онро ба замин бимолад, то айни он аз байн биравад ва агар наҷосат бечирм, аз қабили бавл, шароб ва ҳар чизи беайн (дида нашаванда) бошад, дар ин ҳолат танҳо бо шустан пок сохта мешавад.

5. Ҳар гоҳ ашёе, мисли корд, шамшер, шиша ва ғайра наҷис гарданд, барои поксозиашон бо масҳ кашидан ба рӯи онҳо ё чанд бор ба замин молиш додани онҳо ба тавре ки айни наҷосат дур шавад, метавон кифоя намуд.

6. Пок ва тоҳир шудани замин ва ҳар чизе, ки дар рӯи замин рӯидааст, аз наҷосате, ки ба он мерасад, ин аст, ки он наҷосат бар асари боду ҳаво ё тобиши офтоб хушк гардад ва дур шавад. Дар ин сурат намоз гузоридан дар болои он ҷоиз мебошад, вале таяммум кардан бо он ҷоиз нест.

Дар тамоми мавридҳои шумораи 3, 4, 5 ва 6, ки ба тариқаҳои сабуктар ва табиӣ пок гардидани чизҳо аз наҷосатҳои гуногун баён гардида ва барои покии онҳо кофӣ дониста шудааст, обро ҳам метавон истифода кард ва онҳоро пок сохт. Мас., замине, ки дар он пешобе рехтааст ва ё саргине афтодааст, бо пошидани ду-се сатил об, вақте асари наҷосатро замин ҳамроҳи об фурӯ кашад, пок мегардад.[1] Дар ин сурат, вақте айни наҷосат дур гардад, он қитъаи замин ҳам барои намоз ва ҳам барои таяммум пок мегардад.

Пӯсти худмурдае, ки ба василаи даббоғӣ шудан пок мегардад ва намоз бар болои он ҷоиз мешавад, агар аз он пӯст машке барои обгирӣ бисозанд, оби он пок ва вузӯ ба он ҷоиз аст.

ТАФСИЛИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ПОКСОЗИИ НАҶОСАТҲО

Аз назари шаръ, ҳамон гуна ки оби пок ва поксозанда яке аз василаҳои поксозии ашёи наҷис ба шумор меравад, таъсири омилҳои табиӣ – обу ҳаво, тобиши офтоб, таъсири химиявии хок, намак ва дигар маводи химиявӣ, баъзе коркардҳои химиявӣ, мубодилаи моддаҳо, ки дар олами табиат – дар дарахтон, наботот ва ғайра ва ё дар организмҳои зиндаи ҳайвонот (метаболизм) сурат мегирад ва ҳатто ҳарорати оташ ҳам ашёи наҷисро дар шароити хосе пок месозанд, ки ҳар кадоми он дар ҷои худ ба тафсил баён мегардад.

ПОКСОЗӢ БО ОБ:

Ҳамон гуна ки баён гардид, ҳар ду навъи наҷосатҳо (ғализа ва хафифа) боз ба ду қисмат тақсим мешаванд: рақиқа (тунук) ва касифа (ғафс ва ҷирмдор) ё айнаш дидашаванда ва дидданашаванда ва ҳар кадом бар асоси ғафсӣ ва тунукии худ дар мавридҳои гуногун ҳукмҳои хоси худро дорад.

1. Наҷосати ғализа агар рақиқ (тунук) бошад ва бадан ё либос ба он олуда шавад, ба андозаи кафи даст ва камтар аз он муоф (бахшуда) аст, яъне бидуни шустан намоз ҷоиз аст, ҳарчанд шустан беҳтар аст. Агар аз андозаи кафи даст бештар бошад, шустани он воҷиб аст. Вале агар касиф (ғафс ва ҷирмдор) бошад, ҳамон гуна ки гуфта шуд, ба андозаи як дирҳам (ба миқдори шаш нахӯд) ва ё камтар аз он муоф ва бештар аз он бояд шуста шавад.

2. Агар дар об наҷосати ғализа афтод, об ҳам наҷиси ғализ мегардад, агар наҷосати хафифа

[1] Дар «Ҳидоя» омадааст: Агар ба замин наҷосате расад ва дар зери таъсири ҳарорати офтоб хушк шуда, асараш аз байн биравад, намоз дар он қитъаи замин ҷоиз мегардад, вале таяммум ҷоиз намебошад, зеро покии хоки сатҳи замин машрут ба насси китоб собит гардидааст ва он покиро ба он чӣ ба ҳадис собит гардидааст, фароҳам оварда намешавад.

Дар «Кифоя» (174/1) ва дар «Хулоса» дар бораи наҷосате, ки ба замин расида ва ҳанӯз хушк нагаштааст, омадааст: Вақте пок сохтани он қитъаи заминро бихоҳад, ба он об рехта, сипас онро мешакад ва бо пораи пашме ва ё порчае онро хушк месозад. Се бор инро такрор менамояд ва замин бо ҳамин пок мегардад. Ва агар чунин накард, ба он оби бисёр мерезад, то наҷосат аз байн биравад ва ҳеҷ асаре (рангу бӯе) аз он боқӣ намонад. Бо ҳамин пок мегардад.

Агар замин ба андозае нарм ва ковок бошад, ки наҷосатро ҳамроҳи об биҷабад (фурӯ кашад) ва ҳеҷ асаре аз наҷосат дар рӯи замин боқӣ намонад, замин пок мегардад. Агар замини наҷосатолуд нарм набошад, вале як тарафи он каме пасттар бошад, ки об наҷосатро шуста барад, ҳатто ба андозаи зирое ҳам агар ҳаракат намояд, ҳам замин пок мегардад ва ҳам об ҳукми оби ҷориро ба худ мегирад.

Ё ҳамон ҷоеро, ки наҷосат ба он расидааст, бо бел гирифта, дур партояд, замин бо ҳамин пок мегардад. (Баргирифта аз саҳифаҳои 368, 370 ва 371 «Эълоу-с-сунан»).

афтод, об наҷиси хафиф мегардад, наҷосат хоҳ кам бошад, хоҳ зиёд.

3. Агар либос бо равғани наҷис олуда гардад ва он ба миқдори камтар аз кафи даст бошад, вале баъдтар гудохта (гарм гашта), зиёд гардад, то замоне ки кам буд, боке надошт ва вақте зиёд гашт, шустани он воҷиб мегардад.

4. Хуни моҳӣ, магас ва кирм наҷис нест, зеро он равон нест, балки ҷомид аст.[1]

5. Агар бавл (пешоб) ба андозаи сарҳои сӯзан реза-реза бар либос ё бадан пошад, муоф аст.

6. Агар наҷосати ҷирмдор ба зоҳири фаршҳои бузург бирасад, вақте ба таркиби онҳо сироят накарда бошад, бо дур сохтани айни наҷосат ва ё бо се бор шустан бе ҷафидан ҳам пок мегарданд, вале агар наҷосатро дар худ ҷабида бошанд, чун онҳоро фишурда (ҷафида) намешавад, пас бо се бор шустан ва хушк кардан – бо чизи поке обашро ҷабида гирифтан ва ё дар ҷое гузоштан, то ба андозае хушк гардад, ки қатраҳои об аз чакидан бозмонанд, пок мегарданд.

Дар китоби «Радд» овардааст: Дар бораи фаршҳои наҷис гуфтаанд, ки ба муддати як шабонарӯз дар наҳри обе ва ё дар маҷрои оби равоне гузошта шаванд, пок мегарданд. Қайди як шабонарӯз барои қатъи васваса аст, вагарна дар «Муҳит» овардааст, ки вақте об ба андозае бар он ҷорӣ сохта шавад, ки ба покии он гумон ғолиб гардад, пок мегардад. Ҷорӣ сохтани об ҷонишини ҷафидан аст ва қайди як шабонарӯз зарур нест.[2] Пас фаршҳои наҷисе, ки муддате лӯла (шланг)-и об бар рӯяшон сар дода мешавад, пок мегарданд ва барои покии шаръӣ (салотӣ)-и онҳо ба истифодаи собун ва дигар маводи покшӯӣ ниёзе нест.

Зарфҳо ва дигар ашёи филиззӣ, ки наҷосатро дар худ намеҷабанд, бо дур сохтани айни наҷосати ҷирмдор ва ё се бор шустан аз наҷосати беҷирм пок мегарданд, ба монанди ойина, корд, шиша ва ғайра. Аммо зарфҳо ва ашёи сафолин ва чӯбин, ки наҷосатро дар худ меҷабанд, бо се бор шустан ва хушк кардан ва ё муддате дар маҷрои об гузоштан пок мегарданд.

7. Ҳар чизи равон (моеъ) ва пок наҷосати ҳақиқиро пок месозад, ба мисли сирко, гулоб ва ғ., ба истиснои равған, шир ва дигар чизҳои чарб.

8. Либосҳои наҷис бо се бор шустушӯй дар васоил ва дастгоҳ (машина)-ҳои либосшӯии барқӣ низ пок мегарданд, зеро муддате дар об таку рӯ ва пас аз он бо чархиши сахт ҷафида мешаванд. Шоёни зикр аст, ки бадан ва либос аз наҷосатҳо танҳо ба шустан пок мешаванд.

9. Асал, шир, равған ва дигар хӯрданиҳои моеъ, агар ба сабаби афтодани наҷосати касиф (ҷирмдор) нопок шаванд, ба андозаи он об рехта, онро то замоне биҷӯшонанд, ки оби рехта аз таркибаш тамом гардад ва асал ва ғайри он ба ҳаҷми пешинааш бирасад. Ин корро се бор такрор намоянд, пок мешавад. Ба қавли Абуюсуф (рҳ) духн – равғани моеъи ҳайвонот вақте наҷис гардад, бо се бор шустан пок мешавад, ба ин тариқ ки дар зарфе гузошта шуда аз болояш об рехта шавад, он гоҳ об партофта шавад ва ин амал се бор такрор шавад, равған пок мегардад.[3]

[1] Радду-л-муҳтор. Ҷ. 1. – С. 365 – 366. Тибқи гуфтаи фуқаҳо, он ҳашарае, ки хуни равон (дами соил) надоранд, ба мисли занбӯр, каждум, магас, кирми пилла ва кирме, ки аз наҷосат пайдо шуда ё ҳайвони обзо, яъне ҳайвоне, ки таваллуд ва зисташ дар об аст, гарчи хуни равон дошта бошад ҳам, вақте дар об бимирад ё дар беруни об бимирад ва пас аз мурдан дар об афканда шавад, об наҷис намегардад. Ҳамчунин хуни он ҳашарае, ки хунаш ҷомид (ғайри равон) аст, наҷис нест ва обро наҷис намегардонад. Дар «Бадоеъ» мефармояд: Хуни пашша (баққ – харпашша) ва кайк назди мо наҷас нест, ҳатто агар дар оби кам биафтад, онро наҷис намегардонад ва агар ба либосе бештар аз қадри дирҳам бирасад, ҷавоз (дурусти)-и намозро монеъ намегардад.... Хуни моҳӣ низ назди Абуҳанифа (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) тоҳир (пок) аст (Ҷ. 1. – С. 364). Боз мефармояд: Худмурдаҳо ду навъанд, яке он ки хуни равон дорад, дигаре хуни равон надорад. Онҳое, ки хуни равон надоранд, ба монанди магас, каждум, занбӯр, харчанг ва монанди инҳо, назди мо наҷас нестанд (Ҷ. 1. – С. 368). Албатта, кирме, ки аз наҷосат пайдо шудааст, чун хуни равон надорад, наҷис нест, вале агар баданаш наҷосатолуд бошад, яъне нав аз байни наҷосат берун омада бошад, обро наҷис мегардонад. Ба ин тартиб, кирмҳои лохӯр – кирмҳое дар қабатҳои хоку гил зиндагӣ мекунанд низ, наҷис нестанд, зеро хуни равон надоранд.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 594, 595.

[3] Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) дар бораи равғане, ки дар он муш афтода ва мурда буд, пурсида шуд. Фармуд: «***Муш ва равғани атрофашро бардошта партоед ва равғанатонро бихӯред»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 235, 236, 5538, 5540; Сунани Абудовуд, 3841, 3842; Сунани Тирмизӣ, 1798; Сунани Насоӣ, 4269, 4270, 4971). Дар Сунани Абудовуд ва Сунани Тирмизӣ аз Маъмар аз Зуҳрӣ аз Саъид ибни Мусайяб аз Абуҳурайра ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте дар равған муш афтад, агар равған ҷомид (сахт) бошад, он (муш)-ро бо равғани атрофаш партоед (ва равғанро бихӯред) ва агар моеъ бошад, ба он наздик нагардед!».*** Вале Тирмизӣ мегӯяд,

Ҳамчунин вақте ба зарфи хӯрданиҳои мазкур се бор об рехта ва хуб ҷунбонида шавад ва ҳар бор пас аз ҷунбонидан об аз ҷуммак (нӯлак, кран)-и поёни зарф берун резад, онҳо пок мегарданд.

Дар коргоҳҳои маҳсулоти ширӣ ва истеҳсоли равған, агар ширу равған дар зарфҳо (цистерна) ва захирагоҳҳои бузурге ба андозаи даҳ дар даҳ зирои шаръӣ ва ё бузургтар аз он нигаҳдорӣ шаванд, бо афтодани муш ва ҳар гуна наҷосати дигаре, то яке аз васфҳо – ранг, бӯй ва таъмаш тағйир наёбад, наҷис намегардад. Зеро ҳукми тамоми моеъот, дар саҳеҳтарин қавл, мисли об аст. Пас ҳар чизе, ки обро фосид (нопок) намегардонад, онҳоро низ нопок намегардонад. Ва дар ҷои дигаре аз он (Дурр) омадааст: Тамоми моеъот дар камиву бисёрӣ ба мисли об ҳастанд, яъне ҳар миқдоре аз об, ки (бо афтодани наҷосат) наҷис мегашт, вақте аз ғайри он (аз дигар моеъот) бошад низ, (бо афтодани наҷосат) наҷис мегардад.[1] Ҳатто агар дар ҳавзи шарбате, ки даҳ дар даҳ гази шаръӣ аст, пешобе афтад ё хуни пои шарбаткор ба он омехта гардад, он фосид (нопок ва ҳаром) намегардад.[2]

Яке аз муҳимтарин мақсадҳои қонунгузорӣ дар шаръ рафъи ҳараҷ аз мардум, ёфтани роҳи ҳалҳои муносиб барои мушкилоти ҷомеа ва расидагӣ ба масоили иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳост. Имрӯз, ки дар ростои рушди муносиб ва ҳамоҳанги иқтисоди ҷаҳонӣ бо афзоиши бесобиқаи ҷамъияти дунё ва талаботи рӯзафзӯни ниёзҳои масрафии онҳо сохтани коргоҳҳои бузурги истеҳсолӣ ва роҳандозии корхонаҳои азимҳаҷми саноатӣ афзалият пайдо кардааст, аҳаммияти пок нигаҳдоштан ва поксозии зарфҳои бузург, ҳавзҳо ва захирагоҳҳои ширу равған ва дигар моеъоти мавриди ниёзи мардум аз аҳаммияти покӣ ва поксозии ҳавзҳои об камтар нест.

10. Агар порча ва ё либос ба ранги наҷис ранг карда шавад, бояд то берун омадани оби соф аз он шуста шавад, он гоҳ пок мегардад.

11. Фарш (қолин, намад ва ғайра) вақте як гӯшаи он наҷис шавад ва бақия пок бошад, дар он гӯшаҳое, ки наҷосат ба онҳо нарасидааст, намоз хондан ҷоиз мебошад.

12. Пас аз шустани пой агар бар замини наҷис роҳ биравад ва асари қадамаш (паи пояш) бар замин бимонад, пой наҷис намешавад, магар он қадар тар шавад, ки хок ё гил (лой) бар пояш бичаспад, ё асари наҷосат (ранг ва бӯи он) бар пояш зоҳир шавад.

Ҳамчунин вақте занон бо доманҳои дароз аз хиёбонҳои нопок ва роҳҳои лойолуд мегузаранд, онро мобаъдаш – ҷойҳои поке, ки пас аз ҷои олуда аст, пок месозад, ба ин маъно, ки вақте ба домани дароз тарӣ ва ё наҷосати роҳ мерасад, онро замин ва хоки поке, ки пас аз он меояд, пок месозад. Тар шудани доман ва олуда шудани пойафзор ба обу лойи наҷосатолуди кӯчаҳо, ба хусус дар рӯзҳои боронӣ, ба сабаби рафъи ҳараҷ ва вуҷуди балвои ом афв аст. Ин дар сурате аст, ки айни наҷосат дар он дида нашавад, вагарна шустани он воҷиб мебошад. Ривоят шудааст, ки зане аз Уммисалама (рз) пурсид: Ман зане ҳастам, ки бо домани дароз дар ҷои нопок роҳ меравам!? (Уммиса-

---

Муҳаммад ибни Исмоил (Бухорӣ)-ро шунидам, ки мегуфт, ҳадиси Маъмар аз Зуҳрӣ хато (ва ғайри маҳфуз) аст, ки Маъмар дар он хато кардааст ва саҳеҳ он ҳадисе аст, ки Ибни Аббос аз Маймуна ривоят кардааст.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ба монанди соҳиби «Радд», равғани ҷомид бо афтодани наҷосат нопок намегардад, зеро зарраҳои наҷосат ба таркибаш сироят намекунад. Вақте наҷосат ва атрофи он гирифта партофта шавад, боқимондаи он пок аст, чуноне дар ҳадис омадааст.

Баъзе уламо ин тавсияи расули Худо (с)-ро ба таври мутлақ ҳам дар равғани моеъ ва ҳам дар равғани ҷомид (ях) ҷоиз донистаанд, вале аксари фақеҳон онро танҳо дар бораи равғани ҷомид (ях) гуфтаанд. Равғани моеъ бошад, ба он сурате ки дар матн зикр шудааст, пок сохта мешавад. Ин амалияро дар равғани ҷомид дар истилоҳи фиқҳӣ тақвир (гирд буридан, ба шакли нимдоира буридан, миёнатиҳӣ кардан) мегӯянд. Аммо вақте ба равғани моеъ наҷосате биафтад ва пас аз он ҷомид шавад (ях кунад), онро аввал бояд, дар оташ гарм сохта моеъ гардонанд, пас аз он ба он тартибе ,ки дар матн омадааст, се бор бишӯянд.

[1] Бинобар ин, дар зарфи шир, равған ё шарбат ҳашароте, ки хуни равон надорад ё ҳайвони обзо бимирад, онро нопок намегардонад. Зеро ин моеъот вақте кам бошанд, ҳукми оби камро доранд. Магар вақте он ҳашарот ба наҷосате олуда бошанд ё аз рӯи наҷосат хеста бошанд, пас онро нопок мегардонад.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 367, 383; Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 1. – С. 428; Баҳру-р-роиқ. – Ҷ. 1. – С. 204. Ба гуфтаи соҳиби Радд, ин қавли Абуҳанифа (рҳ) ва Абуюсуф (рҳ) аст, бар хилофи назари имом Муҳаммад (рҳ) дар ин масъала ва ба гуфтаи соҳиби Бадоеъ, Кархӣ аз (қавли) асҳоби мо овардааст, ки ҳар чизе, ки обро фосид насозад, ғайри онро (аз дигар моеъот) низ фосид намесозад ва ин (қавл) ба фиқҳ шабеҳтар аст.

лама) гуфт: Расули Худо (с) фармудааст, ки мобаъдаш онро пок месозад.[1]

13. Агар бар фарши наҷис бихобад ва ба андозае арақ кунад, ки либос ва баданаш тар шавад, либос ва баданаш то замоне ки наҷосат ё асари он бар онҳо дида нашавад, пок ҳастанд.

14. Агар ба дасту пои худ ҳинои наҷисро бандад, се бор дасту пояшро бишӯяд, пок мешаванд, ҳарчанд ранги ҳино бар онҳо боқӣ бимонад. Агар сурмаи наҷисро дар чашмаш кашад, то замоне ки он аз чашмаш берун наомада бошад, шустанаш зарурат надорад.

15. Агар сари худро бо равғани наҷис чарб кунад, бо се бор шустан пок мешавад.

16. Агар саг ба орде даҳон занад, то ҷое, ки тарии оби даҳонаш расидааст, партофта шавад, боқимондаи он пок аст. Агар ба хамир даҳон занад, ҷои даҳонзадаашро партоянд, боқӣ пок аст.

17. Оби даҳони саг наҷис аст, на бадани саг. Бинобар ин, агар саг худро ба либос ё бадани касе бимолад, тар ҳам бошад, наҷис намешавад, ҷуз ин ки наҷосати зоҳирие бар бадани вай бошад.

18. Берун шудани бод пас аз истинҷо, агарчи ҷои он хушк нашуда бошад ҳам, либосро наҷис намесозад.

19. Либоси наҷисеро ҷафида, дар миёни либосҳои пок гузорад ва ё ҳамаи онҳоро якҷоя ба буғчае бандад, агар бо бори дуюм фишурда шудан аз он об берун ояд, дар ин сурат либоси покро наҷис мегардонад, вале агар бо фишурдани дуюмбора об берун наояд, боке надорад. Агар об начакад, вале дастро тар намояд, дар ин сурат низ либоси пок наҷис мешавад.

20. Як тарафи тахта наҷосатолуд бошад ва тарафи дигараш пок, агар тахта он қадар ғафс бошад, ки онро метавон аз миёна ду қисмат намуд, бар тарафи поки он намоз ҷоиз аст, вале агар на бо ин ғафсист, намоз бар он тарафаш низ ҷоиз нест.

21. Агар кампал (одеяло) ё чодар ва монанди онҳо аз ду қабат (астару аврa) иборат бошанд ва як қабати он наҷосатолуд шуда бошад, дар сурате ки ба ҳам дӯхташуда набошанд, бар қабати дигари он намоз ҷоиз аст, вале агар бо ҳам дӯхта шуда бошанд, ҷоиз намебошад.

Масҳӣ, афзорҳои чармӣ, пӯст ва ҳамин тавр корд шиша ва дигар чизҳои ҳамвор (суфта)-и металӣ бо масҳ – молиш додан ба чизе ва ё ба замин пок мегарданд.

Покшавӣ дар зери таъсири омилҳои табиӣ – боду ҳаво, тобиши офтоб ва тафси оташ:

22. Замин ва тамоми ҷинсҳои табиат, вақте ба он часпида бошанд, бо хушк гаштан ва аз байн рафтани бӯи наҷосат барои намоз пок мегарданд. Коҳ, чӯб ва сангу хиште, ки ба замин фурӯ рафта ё ба он часпида бошанд, бо хушк гаштан ва аз байн рафтани бӯи наҷосат, ба мисли худи замин, барои намоз пок мегарданд ва дар пок гаштан ҳамон ҳукми заминро доранд. Агар замин ба андозае пок гардад, ки аз наҷосат дигар на айне боқӣ монад ва на асаре, дар он сурат барои таяммум низ пок мегардад.

23. Сангу хишт ва коху чӯбе, ки дар рӯи замин афтода ва ба он часпида набошанд, танҳо бо шустан пок мешаванд.

24. Корд ва дигар абзорҳои наҷис, агар ба оташ андохта шаванд, пок мешаванд.

25. Агар кулолгарон аз хоки наҷис кӯза, коса ва ё дигар зарфҳо сохта бошанд, пас аз берун овардани онҳо аз кураи оташ (пас аз пур мондан) пок мегарданд.

Сӯхтан дар оташ, таъсири маводи химиявӣ ва ҳамин тавр коркарди химиявӣ вақте моҳияти наҷосатро тағйир диҳад, ки аз он чизи нав пайдо шавад, онро пок мегардонад:

26. Наҷосат бо сӯхтан дар оташ чун моҳият ва таркиби химиявии он дигар мешавад, пок мегардад, ба монанди тапак ва саргини ҳайвонот, ки пас аз сӯхтан дуд ва хокистари онҳо пок аст.

Саргин ва наҷосате, ки пӯсида ба гил табдил шавад, низ пок мегардад. Агар ба танӯре оби наҷис бипошанд, пас аз хушкидан дар ҳарорати оташ танӯр пок мегардад.

27. Ҳамчунин наҷосате, ки дар кони намак ё ҷойҳои махсуси коркарди намак афтода, пас аз муддате дар натиҷаи таъсири химиявии намак аз байн биравад ва ба намак табдил ёбад, пок мегардад. Бинобар ин, харҳое, ки дар кони намак бимиранд ва ё лошаи ҳайвони худмурдае ба он афтад, вақте ба намак табдил ёбанд, пок

[1] Муваттаи имом Молик, 24; Сунани Абудовуд, 158; Сунани Тирмизӣ, 143. Тирмизӣ пас вз ривояти ҳадис мегӯяд: Ин қавли тане чанд аз аҳли илм аст, ки гуфтаанд: Вақте мард аз ҷои нопок ва олуда гузарад, шустани пояш бар вай вочиб нест, магар ин ки тар бошад, пас ҷои олуда ба наҷосатро мешӯяд.

мегарданд ва он намак пок аст.

28. Аз миёни ҳайвоноти худмурда, ки гӯшт ва пӯсти онҳо наҷис мебошад, худмурдаи моҳӣ ва малах истисно шудаанд. Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Ду навъи худмурда ва ду навъи хун барои мо ҳалол гардонида шудаанд – худмурдаи моҳӣ ва малах ва ҷигар ва испурз»*** (яъне ду узви тасфияи хун дар ҳайвонот).[1]

Устухон, шох, сумб, пашм ва пари ҳайвон ва паррандаи худмурда, дар сурате ки чарбӣ ва равғани он ҳайвон дар онҳо сироят накарда бошад, пок ҳастанд. Зуҳрӣ дар бораи устухони ҳайвоноти худмурдае чун фил ва ғайра мегӯяд:

«Афроде аз уламои салафро дидам, ки бо он (устухони ҳайвоноти мурда) шона мекарданд ва дар он равған нигаҳдорӣ мекарданд ва дар ба кор бурдани он гуноҳе намедиданд».[2]

29. Бар ҳамин асос аз назари фақеҳони муосир доруҳое, ки аз таркиботи органикии ҳайвоноти ҳаромгӯшт истеҳсол шудаанд, чун бар асари коркарди химиявӣ моҳиятан тағйир ёфтаанд, ҳалол мебошанд, ба монанди доруи инсулин[3] ва панкреатин,[4] ки аз ғадуди зери меъдаи ғайвоноте ба монанди хук сохта мешаванд. Желатин[5] ва ҳамин тавр собуне, ки аз равғани ҳайвоноти ҳаромгӯшт истеҳсол мешаванд, ҳалол ҳастанд.[6]

Тағйири моҳияти ашё дар зери таъсири омилҳо ва унсурҳои табиат ва пас аз он дар наботот ва растаниҳо ба таври комил сурат мегирад. Бинобар ин, меваи дарахтон, зироатҳо ва гиёҳоне, ки бо саргин ва наҷосати ҳайвонот парвариш ва ё бо оби наҷис обёрӣ шудаанд, пок ҳастанд. Ҳарчанд саргин ва пешоби ҷонваронеро, чун саг, ангезандаи баъзе навъҳои бемориҳо мегӯянд, ки таҳқиқи он ба коршиносони соҳаи тиб дар ин маврид бастагӣ дорад.

Тухмиҳои наҷис – гандум, ҷав ва ғ., ки дар обҳои нопок, пешоб ва ё наҷосати таре афтода наҷис гаштаанд, ба ин сурат ки бо ҷабидани об ва рутубати таркиби наҷосат дам карда бошанд, ҳамон гуна ки бо се бор танқеъ – муддате дар зарфи об гузоштан ва пас аз он обашро партофта хушк кардан пок мегарданд, дар натиҷаи метаболизми табиӣ низ пок мегарданд. Ба ин маъно ки пас аз кишт гардидан вақте аз онҳо гиёҳ ва ё зироати нав мерӯяд, ҳосили он пок аст. Аммо агар дам накарда бошанд, пас маълум мешавад, ки беруни онҳо ба наҷосат олуда ва ҳанӯз ба дарунашон сироят накардааст. Дар ин ҳолат бо се бор шустан пок мегарданд.

30. Агар говону харон дар аснои хирманкӯбӣ дар болои гандум, ҷав ва дигар маҳсулоти ғаллагӣ пешоб кунанд, вақте ҷои он маълум бошад, аз хирман ҷудо карда ва шуста шавад, пок мегардад. Агар ҷояш маълум набошад, бо таҳарро миқдоре аз он шуста шавад, ҳамаи хирман пок мегардад. Ҳамчунин агар миқдоре аз он тақсим ва ё ба касе ҳадя, фурӯхта ва ё хӯрда шавад, ҳамааш ҳукман пок мегардад.

31. Бар ҳамин асос вақте оби ҳавзҳо ва ботлоқҳои наҷис бухор шуда, ба сурати қатраҳои борон ба замин бармегарданд, он об пок аст. Ҳамин тавр вақте рутубат ва оби таркиби саргини ҳайвонот дар оғилҳо ва ё оби ҳавзҳои наҷисгашта дар гармобаҳо бухор шуда, ба сурати қатраҳои об дар сақфу девор ҷамъ мешаванд, пок ҳастанд.

---

[1] Муснади имом Аҳмад, 5690. Ҷ. 2. – С. 230; Сунани Куброи Байҳақӣ, 1244. Ҷ. 1. – С. 430. Байҳақӣ исноди онро саҳеҳ гуфтааст. 1245. Ҷ. 1. – С. 430; Шуъабу-л-имон, 5627. Ҷ. 5. – С. 20.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, боби наҷосатҳое, ки дар равған ва об меафтанд. Бухорӣ онро дар таълиқоти худ пеш аз ҳадиси 235-ум зикр кардааст. Сунани Куброи Байҳақӣ, 20173, 20174. Ҷ. 14. – С. 372, 373.

[3] Инсулин доруе аст, ки бо берун овардан (гирифтан)-и гормон (моддаи тарашшуҳкунанда) аз ғадуди зери меъдаи ҳайвоноти калони шохдор ва хук тайёр карда мешавад ва барои поин овардан ё танзими меъёри қанди хун дар беморони диабет тавсия мешавад (Краткая медицинская энциклопедия (БМЭ). Т. 1. – 2-е изд. – М., 1989).

[4] Панкреатин доруе аст, ки аз ғадуди зери меъдаи ҳайвоноти кушташуда ба даст оварда мешавад ва дар таркиби худ асосан трипеин ва амилаз дорад (Краткая медицинская энциклопедия (БМЭ). Т. 3. – 2-е изд. – М., 1990).

[5] Желатин \:исм. моддае, ки аз устухон, сум ва бофтаҳои ғузруфӣ (тағояқдор)-и ҳайвонот ё моҳӣ ба тариқи ҷӯшонидан дар об тайёр карда мешавад ва дар соҳаи ширинипазӣ, қолабгирии ҳарфҳои чоп (элекротайп), аккосӣ, рангрезӣ ва дорусозӣ барои сохтани ғилофи капсулҳо ва ғ. ба кор меравад. Он дар оби сард сахт ва ҷомид ва дар оби гарм ҳал мешавад.

[6] Гуфтанист, ки Созмони исломии улуми тиббӣ дар ҳамойиши ҳаштуми худ, ки дар таърихи 22-24 моҳи зулҳиҷҷаи соли 1415 ҳ., мувофиқ ба 22-24 майи 1995, дар давлати Кувайт баргузор гардид, тавсияҳо ва қарорҳоеро ба тасвиб расонд, ки гуфтаҳои матн аз ҷумлаи онҳо ҳастанд. Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ, ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 826-830.

32. Созмони исломии улуми тиббӣ дар ҳамойиши ҳаштуми худ, ки дар таърихи 22-24 моҳи зулҳиҷҷаи соли 1415 ҳ., мувофиқ ба 22-24 майи соли 1995 м., дар давлати Кувайт баргузор гардид, тавсияҳо ва қарорҳоеро ба тасвиб расонд, аз ҷумла:

1. Доруҳое, ки барои ҳифз ва ё маҳлул сохтани баъзе таркиботи онҳо миқдоре маводди масткунанда (алкаҳулӣ) ба кор рафтааст, ҳалол ҳастанд ва истифодаи онҳо ҷоиз аст;

2. Асли моддаи алкаҳул (ғайри хамр) шаръан нақис нест, зеро нақосати хамр ва дигар маводди нашъаовар маънавӣ – ғайримаҳсус аст, чун онҳо палид ва аз амали шайтон дониста шудаанд. Бинобар ин, корбурдҳои тиббии маводди алкаҳулӣ (спирт ва ғ.) ба ҳайси пок ва безарарсозандаи пӯст, захмҳо, абзорҳои тиббӣ ва ё нобудсозандаи микробҳо шаръан ҳеҷ гуна мамнӯияте надорад. Аз дидгоҳи шаръ нӯшидан ва ҳар гуна истеъмоли нодурусти онҳо мамнӯъ аст;[1]

3. Поёнобаи касифи шаҳрҳо,[2] ки бо васоили техникӣ ва маводи химиявӣ тасфия ва пок сохта мешавад, вақте васфҳо ва осори нақосат аз он зоил гарданд, пок мегардад, ҳарчанд аз назари беҳдоштӣ истифода аз обҳои табиӣ беҳтар аст.[3]

Метаболизм дар организми мавҷудоти зинда низ сурат мегирад, вале чун дар ин ҷо табдили маводди табиӣ ба маводди органикӣ дар ҷараён аст, маводди табиӣ ва анвои хӯрданиҳо пас аз амалияи мубодилаи моддаҳо ва ҳазми он дар организм ҳам баъзе хусусиятҳои табиӣ ва хосиятҳои химиявии худро аз даст намедиҳанд ва дар таркиби хун, гӯшт ва умуман, дар сохтори ҷисмонии мавҷудоти зинда, ба хусус одам, таъсири худро мегузоранд.

Бинобар ин, Ислом тановули нақосат, чизҳои палид ва ғизоҳои олударо барои муъминон ҳаром гардонидааст. Аммо агар ҳайвон ва ё паррандаи ҳалолгӯште, ба монанди гов, шутур, гӯсфанд, мурғ ва ғайра, бо нақосат ва хӯрокҳои нопок тағзия шавад ва ё нақосатхор гардад, ба сурате ки он аксари ғизояшро ташкил диҳад, гӯшташ бо бӯи ҳамон хӯрок ва ё нақосат бадбӯй мегардад ва хӯрданаш дар он ҳол кароҳият дорад. Тибқи қонунгузории фиқҳи исломӣ бояд муддате бо хӯрокҳои ҳалол тағзия шавад, то таркиби гӯшташ аз пасмондаҳои он пок гардад.

33. Пахта ва пашм ҳамон гуна ки бо шустан пок мегарданд, агар нақосат камтар бошад ва худи онҳо хушк бошанд, бо надф – ҳаллоҷӣ, ғоз кардан ва шапидан низ пок мегарданд. Нақосат вақте кам ва хушк бошад, бо ғоз ва ё наддофӣ кардан дар ҳаво пароканда ва зоил мегардад, вале нақосати бисёр ва тар ба ин тариқ пок намегардад.

НАҶОСАТИ ҲУКМӢ

1. Нақосати ҳукмӣ – иборат аст аз қарор доштани шахс дар ҳолате, ки намоз барояш раво намебошад. Ин навъи нақосатро «ҳадас» низ мегӯянд. Яъне дар мавқеи ҷанобат ва ҳайзу нифос як ҳолати дарунҷисмоние барои шахс рӯй медиҳад, ки аз назари шариат ҳукми нопокро мегирад ва рӯҳу маънои ӯ дар дараҷае аз бетаҳоратӣ ва нопокӣ қарор мегирад, ки ҳузури вай ба даргоҳи Худованд барои ибодат бо он ҳол ноҷоиз дониста шудааст ва бояд худро барои ин амр пок гардонад.

Нақосати ҳукмӣ ё ҳадас ба ду қисм тақсим мешавад:

а) Ҳадаси акбар (бузург): Он рӯй додани як ҳолати дарунҷисмоние барои шахс аст, ки ғуслро бар вай воҷиб мегардонад ва гузоридани намоз барояш дар он ҳолат ҷоиз намебошад. Он ҳолатро ҷанобат[4] мегӯянд. Ти-

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Поёноба -/ҳо/-и касиф: пасобҳое ҳастанд, ки тавассути шабакаи канализатсия ва оброҳаҳои махсуси шаҳрҳо ва манотиқи маскунӣ ба ҳавзҳо ва чоҳҳои махсусе дар қисмати поёнии шаҳрҳо мерезанд ва дар он ҷойҳо бори дигар тасфия ва дар баъзе шаҳрҳои бузурги дунё дубора ба истифода дода мешаванд. Онро ба форсии имрӯза фозилоб мегӯянд.

[3] Маҷаллату-л-буҳуси-л-исломия. 35/35-60. Кумитаи доими пажӯҳишҳои илмӣ ва фатво: Ҳукми истеъмоли обҳои нопок. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[4] **Ҷанобат** (جَنابَت) дар луғат ба маънои дур шудан, канора гирифтан, канор рафтан ва буъд бошад, муқобили қурб. Азҳарӣ гӯяд: Ба ҷанобатрасида барои он ҷунуб гуфта шуда, ки аз наздикӣ ба мавзеи намоз, то вақте пок нагардад, наҳӣ шуда ва аз онҳо канора мегирад (Таҳзибу-л-луғат. – Ҷ. 11. – С. 118. – Қоҳира: Дору-л-қавмияти-л-арабия, 1964). Ва дар истилоҳи фиқҳ ба маънои ҷунуб ва нопок шудан, ки ба он ҳадаси акбар низ гӯянд ва касе, ки ӯро ҷанобат расида, ҷунуб номанд ва дар порсӣ бо лафзи шудан ва бардоштан корбурд шавад ва сиғаи он барои мардона ва занона якест. Ҷанобат барои шахс бо

ловати Қуръон аз ёд низ дар он ҳолат ҷоиз намебошад. Ҳайзу нифос ба наҷосати ҳукмӣ дохил мешаванд ва дар аксари мавридҳо аҳкоми онҳо бо аҳкоми ҷанобат якест, вале ба онҳо ҳадас гуфта намешавад.

б) Ҳадаси асғар (хурд): Он қарор доштани шахс дар дараҷае аз бетаҳоратӣ (нопокӣ) аст, ки барояш вузӯ гирифтан воҷиб мебошад. Онро бевузӯгӣ мегӯянд.

Наҷосати ҳукмӣ ба ғализаву хафифа ва каму зиёд тақсим намешавад ва бино ба қавли саҳеҳ, он таҷзияпазир нест. Агар миқдори сари сӯзане аз узвҳои шусташаванда дар вузӯ ё ғусл ношуста ва хушк бимонад, наҷосат – ҳадас ҳамчунон ба ҳоли худ боқӣ аст. Вале он гоҳе ба сабаби узр, ба мисли аз байн рафтани маҳаллии шустан, яъне узви шусташаванда, соқит мегардад.[1]

ОДОБИ ҚАЗОИ ҲОҶАТ

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Воқеан ҳам, ман барои шумо ба манзалаи падаре ҳастам, ки (тамоми чизро) ба шумо таълим медиҳам. Пас ҳар касе аз шумо вақте барои қазои ҳоҷати худ меравад, набояд рӯй ё пушти худро ба сӯи қибла намояд (набояд рӯ ба қибла ё пушт ба қибла бинишинад ва пас аз қазои ҳоҷат ҳангоме худро бо чизе хушк менамояд) набояд он корро бо дасти росташ анҷом диҳад***.

Расули Худо (с) дар ин кор ба се санг амр мекард ва аз истифодаи саргини (ҳайвонот) ва устухонҳои пӯсида наҳӣ менамуд».[2]

Шариати ислом, чӣ тавре дар зимни иршоди падаронаи паёмбар (с) мебинем, бандаи муъминро дар тамоми аъмоли хурду бузург, ки ба гунае ба зиндагонии ӯ бастагӣ доранд, ҳатто дар қазои ҳоҷаташ ба риояи як силсила одоб ва дар камоли зебоӣ анҷом додани он (яъне ба шинохт ва риояи эстетикаи ҳар кор) тавсия менамояд. Инак, порае аз одоби қазои ҳоҷат:

1. Барои қазои ҳоҷат, агар ҳоҷатхонае дар наздикиҳояш вуҷуд надошта бошад, ҷое хилват ва дур аз чашми мардумро ихтиёр намояд, то табъи бинанда хира нагардад ва ҳолатҳое аз боду бӯи ҳоҷати ӯ аз дигарон пӯшида монад.[3]

2. Барои қазои ҳоҷат макони нарм ва хамидаеро интихоб намояд, то зарраҳои пешоб бо бархӯрдан ба замин ба бадан ва либосаш напошанд.[4]

3. Ҳар чизеро, ки дар он номи Худованд вуҷуд дошта бошад, то анҷоми қазои ҳоҷаташ канор бигузорад. Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) дар ин гуна мавридҳо ангуштарии худро, ки дар нигини он *«Муҳаммадун расуллоҳ»* нақш гардида буд, берун меовард.[5]

4. Пеш аз даромадан ба ҳоҷатхона ва пас аз расидан ба ҷои қазои ҳоҷаташ, агар дар саҳро ё фазои боз бошад, ин дуоро бихонад: *«Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мина-л-хубси ва-л-хабоиси» (Худоё, аз тамоми палидиҳо ва*

анҷоми ҳамхобагӣ (инзол ҳам нашавад), хуруҷи манӣ бо дафқу шаҳват ва эҳтилом ба вуҷуд меояд ва бо шустушӯи хоссе бо номи ғусли ҷанобат ва дар ҳолати набудани об ва ё адами қудрат ба истифодаи он бо таяммум зоил – бартараф сохта мешавад. Он аз назари шаръ наҷосати ҳукмӣ – ғайри ҳақиқӣ аст, ки одамӣ бо он ба таври ҳақиқӣ нопок нагардад. Бинобар ин, ҳамнишинӣ ва муошират бо шахси ҷунуб, гаштугузори вай дар кӯчаву бозор ва анҷоми дигар муомилоти ғайри ибодатӣ боке надоранд, ҳамчунин пас аз шустани шармгоҳ ва вузӯ хобидани вай ва то охири шаб ба таъхир андохтани ғусли ҷанобат низ ҷоиз аст, ҳар чанд дурудароз бо он ҳол боқӣ мондан хуб нест.

Дар вақти ҷанобат анҷоми корҳои зерин шаръан ҷоиз нестанд: а) намоз гузоридан, Худованд мефармояд: **«Ва ба намоз, дар ҳоле ки маст бошед, наздик нашавед, то бидонед, ки чӣ мегӯед ва на дар ҳоле ки ҷунуб бошед, то он ки ғусл намоед, магар ин ки роҳгузар бошед» (**Сураи Нисо, 4: 43**),** б) ламс кардан ва қапидани китоби Қуръон бе ғилоф, в) қироати Қуръон, чи аз рӯи мусҳаф ва чи аз ёд, г) бе зарурат дохил шудан ба масҷид.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 559–560.

[2] Сунани Абудовуд, 8; Сунани Насоӣ, 40; Сунани Ибни Моҷа, 313; Сунани Доримӣ, 679. Ҷ. 1. – С. 182; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 1431, 1440. Ҷ. 4. – С. 279, 288; Саҳеҳи Ибни Хузайма, 80. Ҷ. 1. – С. 43; Муснади имом Аҳмад, 7321, 7361. Ҷ. 2. – С. 489, 494; Сунани Куброи Байҳақӣ, 433, 434, 500, 549. Ҷ. 1. – С. 159, 179, 197.

[3] Ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) вақте барои қазои ҳоҷат мебаромад, чандон дур мерафт, ки касе ӯро намедид»* (Сунани Абудовуд, 1, 2. Ба ҳамин маъно ҳадиси дигаре дар Сунани Тирмизӣ, 20, Сунани Насоӣ, 17 ва Сунани Ибни Моҷа, 331, ривоят шудааст).

[4] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо қасди пешоб намояд, барои он ҷои муносиберо ҷустуҷӯ ва интихоб намояд»*** (Сунани Абудовуд, 3. Ба ҳамин маъно дар таълиқоти Тирмизӣ бар ҳадиси 20-ум ривояти дигаре низ омадааст).

[5] Сунани Абудовуд, 19. Абудовуд онро ҳадиси мункар гуфтааст. Сунани Тирмизӣ, 1746. Тирмизӣ онро ҳадиси саҳеҳи ғариб гуфтааст. Сунани Насоӣ, 5228; Сунани Ибни Моҷа, 303.

нопокиҳо ва ё аз тамоми ҷинҳои палиди нару мода ба Ту паноҳ мебарам).[1] Пеш аз хондани дуои мазкур *«Бисмиллоҳ»* бигӯяд.

Аз Алӣ (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: *«Сатр ва парда миёни дидаи ҷин ва аврати одаме, ки ба қазои ҳоҷат (дастбахок) меравад, ин аст, ки «Бисмиллоҳ» бигӯяд»*.[2]

5. Бо пои чапаш (бо пеш гузоштани пои чапаш) ба ҳоҷатхона равад ва бо пои росташ берун ояд.

6. Пас аз нишастан барои қазои ҳоҷат, каме бештар ба пои чапи худ такя намояд, зеро ин ҳолат дар осонтар берун шудани ҳоҷат ба ӯ кӯмак мекунад.

7. Дар сӯрох пешоб накунад, зеро ин кор ба ҳашарот ва чизҳои дигаре, ки дар сӯроххо зиндагӣ мекунанд, озор мерасонад.[3]

8. Аз қазои ҳоҷат дар сояи дарахтон, роҳи рафтуомад ва гузаргоххои мардум, наздики чоҳу чашма ва зери дарахтони мевадиҳанда, дар киштзорҳо – байни зироат, полез ва ғ., дар гӯристонҳо, дар ҷойҳои ҷамъшавӣ ва нишасти мардум ва ғайра парҳез намояд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Аз ду чизе, ки боиси лаънат мешаванд, парҳез намоед. Гуфтанд: Эй расули Худо (с), он ду кадоманд? Фармуд: Он касе, ки дар роҳи мардум ва ё дар сояе, ки менишинанд, қазои ҳоҷат менамояд»***.[4] Боз мефармояд: ***«Аз қазои ҳоҷат дар наздикии чашмаҳо, гузаргоххои мардум ва сояи дарахтон парҳез намоед»***.[5]

9. Дар аснои қазои ҳоҷат беузр сухан гуфтан макрӯҳ аст.[6]

10. Дар аснои қазои ҳоҷат ва дар аснои истинҷо ояти Қуръон хондан ва зикр намудан макрӯҳ аст. Агар атса занад, ҳамд намегӯяд, агар садои атса ва ҳамд гуфтани касеро шунавад ё садои азонро шунавад ё касе бар вай салом диҳад, ҷавоби онҳоро намегӯяд. Салом додан ба шахсе, ки дар ҳоли қазои ҳоҷат аст, назди тамоми аимма, аз ҷумла аиммаи ҳанафӣ макрӯҳи таҳримӣ аст. Ривоят шудааст, ки марде бар паёмбар (с) гузар кард, дар ҳоле ки пешоб мекард ва бар вай салом дод. Расули Худо (с) (пас аз итмоми қазои ҳоҷат) ба ӯ гуфт: ***«Вақте маро дар чунин ҳолат дидӣ, бар ман салом надеҳ, агар чунин кардӣ, ҷавоби саломатро намедиҳам!»***[7]

11. Дар қазои ҳоҷат рӯ ба қибла ё пушт ба қибла нишастан макрӯҳи таҳримист. Бояд дасти рост ё чапи худро ба тарафи қибла намояд.[8]

12. Дар оби рокид (қарор) ва андак пешоб намудан низ макрӯҳи таҳримӣ аст.[9]

13. Дар ғуслгоҳ пешоб намудан низ макрӯҳ аст.[10]

---

[1] Ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) вақте ба халоҷо дохил мешуд, **«Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мина-л-хубси ва-л-хабоиси»** мегуфт»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 142, 6322; Саҳеҳи Муслим, 829; Сунани Абудовуд, 4, 5; Сунани Тирмизӣ, 5, 6). Ин ҳадис бо лафзи ***«Аъузу биллоҳи мина-л-хубси ва-л-хабоиси»*** низ ривоят шудааст.

[2] Ҳадиси саҳеҳ [Саҳеҳи Ҷомеъу-с-сағир, 3611]; Сунани Тирмизӣ, 606.

3 Ривоят шудааст, ки ***«Паёмбар (с) аз пешоб кардан дар сӯрохӣ наҳӣ намуд»*** (Сунани Абудовуд, 29).

[4] Ҳадиси саҳеҳ: (Саҳеҳи Ҷомеъу-с-сағир, 110); Саҳеҳи Муслим, 269.

[5] Дар Сунани Абудовуд низ ҳадисе ба ҳамин маъно ривоят шудааст: ***«Аз қазои ҳоҷат дар се ҷое, ки боиси лаънат (ва нафрин шудани одам) мегарданд, парҳез намоед: аз обгирҳо, аз миёнаи роҳ ва аз сояе, (ки ҷои нишаст ва ё дамгирии одамон мебошад)»*** (Сунани Абудовуд, 26; Сунани Ибни Моҷа, 328; Муснади имом Аҳмад, 2710. Ҷ. 1. – С. 491; Сунани Куброи Байҳақӣ, 473. Ҷ. 1. – С. 171; Муъҷаму-л-кабир, 247. Ҷ. 2. – С. 123; Мустадраки Ҳоким, 594. Ҷ. 1. – С. 273. Ҳоким исноди онро саҳеҳ гуфтааст).

[6] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақте ду нафар дар аснои қазои ҳоҷат (ва) дар ҳоле ки авратҳояшон кушодааст, бо ҳам сухан мегӯянд, Худованд ин кори онҳоро бад мебинад»*** (Сунани Абудовуд, 15).

[7] Сунани Ибни Моҷа, 352. Дар чандин ҳадиси дигар омадааст, ки расули Худо (с) пас аз анҷоми қазои ҳоҷат ҷавоби онҳоеро, ки бар вай салом дода буданд, гуфтааст.

[8] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақте ба қазои ҳоҷат меравед, бо бавлу гоити худ рӯй ва ё пушт ба сӯи қибла наоваред, балки ба ҷониби машриқ ва ё мағриб бинишинед»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 144, 394; Саҳеҳи Муслим, 608; Сунани Абудовуд, 7, 8, 9, 10; Сунани Тирмизӣ, 8; Сунани Насоӣ, 21, 22; Сунани Ибни Моҷа, 318).

Албатта, ин дар минтақаҳое мебошад, ки дар сурати ба сӯи шарқ ва ё ғарб нишастан тарафи рост ва ё чапи одам ба сӯи қибла меояд, ба монанди Мадина, Шом ва ғ. Аммо дар сарзаминҳои мо ҳангоми қазои ҳоҷат бояд ба сӯи шимол ва ё ҷануб бинишинем, то дасти рост ва ё чапамон ба тарафи қибла ояд.

[9] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳеҷ касе аз шумо дар оби рокид (истода)-е, ки онро дар вузӯяш ба кор мегирад, бавл накунад»*** (Саҳеҳи Муслим, 655; Сунани Абудовуд, 69, 70; Сунани Тирмизӣ, 68; Сунани Насоӣ, 35, 221, 397; Сунани Ибни Моҷа, 343, 344, 345).

[10] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳеҷ касе аз шумо дар ғуслгоҳаш бавл (пешоб) нанамояд. Зеро аксари васвасаҳо аз он ба вуҷуд меоянд»*** (Сунани Абудовуд, 27;

14. Дар ҳолати узр ва зарурат истода (рост) пешоб кардан ҷоиз аст, ба монанди фишори сахти пешоб, нопокӣ ва ифлосии ҷои қазои ҳоҷат ва ғайра, вале беузр макрӯҳ мебошад.

15. Аз қатраҳои пешоб парҳез намояд. Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) аз канори ду қабр гузашт ва фармуд: ***«Соҳиби ин ду қабр дар азобанд. Албатта, ин азоби онҳо ба хотири иртикоби гуноҳи бузурге нест. Он гоҳ фармуд: Оре, аз он ҷиҳат аст, ки яке аз онҳо аз пешобаш парҳез намекард ва дигараш дар миёни мардум суханчинӣ мекард».***[1]

16. Пас аз қазои ҳоҷат ва берун шудан аз ҷои он (ҳоҷатхона ва ғайра) «Ғуфронака» *(Худоё, аз ту бахшиш мехоҳам)* бигӯяд.[2] Ҳамчунин, «*Алҳамду ли-л-лоҳи-л-лазӣ азҳаба ъаннӣ ал-азо ва ъофонӣ*» (*Худоро барои он ки нопокӣ ва нохушӣ (ва зиёнҳои онро) аз ман дур сохт ва офиятро ба ман қарин гардонд, сипосгузорам)* бигӯяд.[3]

17. Агар дар ҷои қазои ҳоҷаташ вузӯ гирад, назари машоихи мазҳаб он аст, ки «Бисмиллоҳ» ва дигар дуоҳои машрӯъ дар аснои вузӯро тарк намояд, зеро макон барои зикр муносиб нест. Яке аз қавоид ва усули шаръ ин аст, ки вақте амр ва наҳӣ бо ҳам дар таоруз қарор гиранд, наҳӣ дар амал бар амр муқаддам дошта мешавад.[4] Вазъи ташнобҳои имрӯза, ки ҷои қазои ҳоҷат ва вузӯ – туалет ва вана ҳар ду якҷоя аст, ба ин масъала хеле шабоҳат ва наздикӣ дорад. Аммо агар ба дилаш номи Худо ва ё зикре гузарад ва аз он худро ҳифз карда натавонад, пас аз он дигар чорае нест.

ИСТИНҶО

Истинҷо ба маънои пок намудани худ пас аз қазои ҳоҷат буда, назди пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ суннат[5] аст ва бо истифодаи кулӯх, санг, коғаз ва дигар ашёи тоҳир (пок) анҷом дода мешавад. Аз истинҷо кардан бо устухон, саргин ва бо дасти рост бояд парҳез кард.[6]

Агар ба ҳангоми қазои ҳоҷат наҷосат аз даҳонаи махраҷ берун нарафта бошад, он бо истинҷо ба ашёи номбурда пок мегардад ва пас аз он шустани мавзеи он бо об мустаҳаб мебошад,[7] вале ҳар гоҳ наҷосат миқдори бештар аз як дирҳам берун аз даҳонаи махраҷро олуда

Сунани Тирмизӣ, 21; Сунани Насоӣ, 36; Сунани Ибни Моҷа, 304; Мустадраки Ҳоким, 595. Ҷ. 1. – С. 273. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст).

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 216, 218, 1361, 1378, 6052, 6055; Саҳеҳи Муслим, 675; Сунани Абудовуд, 20, 21; Сунани Тирмизӣ, 70; Сунани Насоӣ, 31, 2067, 2068; Сунани Ибни Моҷа, 347, 348). Дар идомаи ҳадис омадааст: *«Он гоҳ паёмбар (с) шохчаи хурмоеро ду тақсим карда, бар сари қабри онҳо шинонд»*. Пурсида шуд: Эй расули Худо (с), ин корро чаро кардед? Гуфт: ***Шояд аз азоби онҳо, то вақте (ин шохчаҳо) нахушкидаанд, сабук карда шавад»***. Паёмбар (с), умуман, дар бораи пок доштани худ аз пешоб зиёд таъкид намудааст.

Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Худро аз бавл (пешоб) пок нигоҳ доред, зеро аксари азоби қабр аз (ҳамин нопокии) аз бавл аст»*** (Сунани Дорақутнӣ, 7, 9. Ҷ. 1. – С. 128; Мустадраки Ҳоким, 653. Ҷ. 1. – С. 293. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст. 654. Ҷ. 1. – С. 293; Муъҷаму-л-кабир, 11104, 11120. Ҷ. 11. – С. 66, 69; Сунани Куброи Байҳақӣ, 4242. Ҷ. 3. – С. 411).

[2] Оиша (рз) мефармояд: *«Паёмбар (с) вақте аз қазои ҳоҷат хориҷ мешуд, **«Ғуфронака»** мегуфт»* (Сунани Абудовуд, 30; Сунани Тирмизӣ, 7; Сунани Ибни Моҷа, 300).

[3] Сунани Ибни Моҷа, 301; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 2, 4, 5, 6, 7. Ҷ. 1. – С. 12.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 613.

[5] Истинҷо назди аиммаи ҳанафӣ суннат ва назди ҷумҳури аиима воҷиб мебошад.

[6] Ривоят шудааст, ки паёмбар (с) ба Абуҳурайра гуфт: ***«Бароям сангҳое биёвар, то худро пок созам ва устухон ва саргини хушк наовар»***. Вақте ба роҳ баромадем, пурсидам: Устухон ва саргин чӣ ҳолат доранд? Фармуд: ***«Онҳо хӯроки ҷинҳо мебошанд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 155, 3860). Дар ривояти дигар омадааст: ***«Саргин нопок мебошад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 156).

Дар ҳадиси дигаре паёмбар (с) аз: худро бо дасти рост хушк кардан, бо дасти рост истинҷо намудан ва дар об нафас кашидан наҳӣ кардааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо пешоб кард, худро бо дасти рост хушк накунад, (ҳамчунин) бо дасти рост истинҷо нанамояд ва вақте об нӯшид, дар он нафас накашад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 153, 154, 5630; Саҳеҳи Муслим, 612, 613, 614; Сунани Абудовуд, 31; Сунани Тирмизӣ, 15; Сунани Насоӣ, 24, 25, 47, 48; Сунани Ибни Моҷа, 310).

[7] Истинҷо бо ашёи номбурда – санг, кулӯх, коғаз ва ғ. назди ҷумҳури аимма кофӣ аст ва пас аз он бо об шустани мавзеъ афзал ва мустаҳаб аст, яъне ҷамъи байни истинҷои хокӣ ва обӣ афзал ва мустаҳаб аст. Агар шахсе пас аз қазои ҳоҷат якбора истинҷои обӣ кунад, истинҷои хокӣ аз вай соқит мегардад. Агар шахсе бе истинҷо вузӯ гирад ва намоз гузорад, он бар хилофи равиши маснун буда, вале иъодае бар вай воҷиб намегардад, яъне намозаш бо кароҳият ҷоиз мегардад. Ин дар ҳоле аст, ки наҷосат аз даҳонаи махраҷ бештар аз қадри дирҳам таҷовуз накарда бошад, ки дар он сурат шустани он фарз аст ва намозаш бо он ҷоиз намегардад.

намояд, дар ин сурат шустани он мавзеъ воҷиб[1] мегардад ва он ҷуз бо об пок намегардад. Зеро ғоит наҷосати ғализаи ҷирмдор аст, ки ҷое аз баданро олуда намудааст ва он танҳо бо об пок сохта мешавад, сангу кулӯх ва ғайри онҳо танҳо ғилзати онро дур месозанд.[2]

Бо об шустани мавзеи наҷосатро пас аз истинҷо дар истилоҳи илми фиқҳ истинқо, яъне пок гардонидан мегӯянд, вале дар урфи мардуми мо бо номи мустаҳаб кардан шинохта шудааст. Дар матнҳои фиқҳӣ вожаҳои истиҷмор – худро бо санг, кулӯх ва ашёи дигар пок намудан ва иститоба – пок сохтан низ ба маънои истинҷо ба кор рафтаанд.

Дар аснои истинҷо, яъне мустаҳаб кардан рӯ ба сӯи қибла нишастан ва ё пушт ба тарафи қибла намудан макрӯҳ аст. Истинҷо аз бод ва сангрезае, ки аз махраҷ хориҷ мешавад ва ҳамин тавр аз хоб дар шаръ собит нашудааст ва он кароҳият дорад.

ТАФСИЛИ МАСОИЛИ ИСТИНҶО

1. Истинҷо бо чизҳои номбурда дар ҳолати маҳдуд будани наҷосат ҷоиз ва кофӣ аст, вале дар сурати мавҷуд будани об, ҳамон гуна ки зикр шуд, боз бо об шустани ҷои он беҳтар – афзал аст, зеро бо он чизҳо басанда кардан бар асоси таълимоти суннати набавӣ ҷоиз аст, вале боз бо об шустани мавзеъ ба сафои мизоҷ ва покии табъ муносибтар мебошад. Аммо дар сурати набудани об иктифо бо он чизҳо ҷоиз мебошад. Ба ҳар ҳол, агар наҷосат бештар аз ҷои хуруҷи (баромад) худро олуда созад, дигар ба ҷуз об ба чизе пок намегардад.

2. Бояд дар ҷое истинҷо карда шавад, ки аз чашми мардум дур бошад. Аввал ҳар ду дастро то банди дастҳо бишӯяд, сипас то замоне ки ба пок шудани худ итминон ҳосил намояд, он мавзеъро бишӯяд. Агар шахси васвосӣ бошад, се ё ҳафт бор ин амалро такрор намояд.

3. Агар аҳёнан (гоҳе) ҷое дур аз дидаи умум барои истинҷои зан мавҷуд набошад, бидуни истинҷо вузӯ бигирад ва намозашро бихонад.

4. Вузӯ гирифтан ба боқимондаи оби истинҷо ва ё баръакс, ҷоиз аст.

5. Обе, ки дар истинҷо ба кор рафтааст, наҷис ва нопок аст. Онро набояд бо оби мустаъмал иштибоҳ кард.

6. Агар аз махраҷ хун ва ё риму зардоб хориҷ шавад, вақте берун аз даҳонаи махраҷро олуда накарда бошад, истинҷо бо ашёи номбурда аз онҳо низ кофӣ аст ва чун берун аз даҳонаи махраҷро ба андозаи бештар аз қадри дирҳам олуда созад, шустани он низ воҷиб мебошад.

7. Агар аз махраҷ сангреза, кирм ва амсоли инҳо берун шаванд ва онро бо наҷосат олуда насозанд, ба истинҷое зарурат набошад, ба мисли боде, ки аз шикам берун мешавад.

8. Шустани наҷосате, ки пас аз ҷанобат ва ҳайзу нифос дар махраҷ боқӣ мондааст, воҷиб мебошад. Гарчанде зоҳиран ба он истинҷо гуфта шавад ҳам, он дар асл дур сохтани наҷосат ва фарз аст.

9. Агар пас аз қазои ҳоҷат худро хушк накунад ва боқимондаи наҷосат атрофи махраҷро олуда созад ё бо гузашти муддате дар он ҷо хушк шавад, он дигар ҷуз бо об пок намегардад ва шустани он воҷиб аст.

10. Худро се бор хушк кардан дар истинҷо мустаҳаб аст, зеро ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте касе аз шумо истиҷмор намояд, пас онро витр гардонад»***.[3] Дар истинҷои обӣ адад шарт нест, балки то яқин кардан ба покиаш худро бишӯяд. Агар васвосӣ бошад, пас он ҷоро се бор бишӯяд.

11. Вақте аз хоб бармехезад, то замоне ки дастҳояшро то банди даст нашустааст, набояд онҳоро ба зарфи об бизанад.[4] Тариқи шустани дастҳо ин аст: Агар зарфи дигаре (обгир, ба монанди ялоғу ва ғайра) мавҷуд бошад, бо

---

[1] Воҷиб ба ду маъно ба кор бурда мешавад: а) фарз ва ҳатмӣ, ки он маънои луғавии калимаи воҷиб аст, б) ба маънои амале, ки ҳукми он аз ҷиҳати эътиқодӣ поёнтар аз фарз аст ва ин маънои истилоҳии он назди уламои ҳанафӣ эътибор дорад. Дар ин ҷо дар матн ба маънои фарз ба кор рафтааст.

[2] Вақте ғоит берун аз даҳонаи махраҷро олуда созад, он аз мавзеи истинҷо фаротар рафта ва ҳукми наҷосати ба бадан расидаро ба худ мегирад ва чун ба андозаи бештар аз ҳаҷми дирҳам буда бошад, шустани он фарз аст.

[3] Саҳеҳи Муслим, 559 (237)-20. Дар Сунани Абудовуд дар ҳадиси дарозе (35) омадааст: ***«… Касе истиҷмор намояд, онро витр гардонад! Касе инро бикунад, хуб аст ва касе накунад, бар вай ҳараҷе набошад...»***. Гарчанде дар тасҳеҳ ва тазъифи ин ҳадис асҳоби ҷарҳу таъдил ихтилофи назар доранд, вале ба қавли онҳое, ки онро саҳеҳ донистаанд, он мандуб будани витрияти се бор шакидани маҳраҷро ифода мекунад.

[4] Тавсияи расули Худо (с) дар ин бора дар мавзӯи «Оби рокид» ва поварақии марбут ба он зикр гардидааст.

он аз обдон (зарфи бузурги обнигоҳдорӣ) миқдоре об бардошта, аввал дасти рост ва пас аз он дасти чапашро бишӯяд. Агар чунин обгире ёфт нашавад, дасти чапашро бо эҳтиёт ва ҳарчи камтар дохили об намуда, миқдоре об бардорад ва дасти росташро бишӯяд ва сипас бо дасти рост дасти чапашро бишӯяд.

Ин тартиби шустани дастон вақте аст, ки аз наҷосати зоҳирӣ пок бошанд, вале агар дастҳо ба наҷосати зоҳирие олуда бошанд, қатъан набояд онҳоро ба об бизанад. Зеро тамоми об наҷис мегардад, балки бо порча ё дастмоли поке об бардошта, бо қатраҳои обе, ки аз он мечакад, аввал дасти рост ва пас аз он дасти чапашро бишӯяд.

12. Дар ҷойҳое, ки об фароҳам набошад, шахс пас аз қазои ҳоҷат барои рафъи ғилзати наҷосат ва ҳифзи мавзеъҳои дигари бадан ва либоси худ аз олудашавӣ ба осори бозмонда аз он, то расидан ба лаби об бо сангу кулӯх ва дигар ашёи номбурда истинҷо менамояд ва дар ҷойҳое, ки об ва имконоти истифода аз он вуҷуд доранд, метавонад якбора худро бо об пок гардонад ва истинҷои обӣ кунад.

13. Шахсоне, ки ба бемории бавосир ва ё дарди музмини дигаре дар махраҷашон гирифтор бошанд ва оби сард ба онҳо зиён кунад, то имкон дорад ба оби гарм истинҷо намоянд ва агар оби гарм ҳам ба онҳо зиён кунад ва ё дар ҷое бошанд, ки имконоти гарм кардани об барояшон муяссар набошад, пас метавонанд бо васоили истиҷмор: санг кулӯх, коғази нафис ва ё дигар ашёи поке, ки барои покӣ аз наҷосат муносиб ҳастанд, худро пок созанд – истинҷо намоянд.

* * * *

Чӣ тавре мебинем, ислом дар миёни покӣ (об) ва намоз пайванде ниҳода, онро барои ҳузур дар боргоҳи ибодат шарт донистааст ва ба ин тартиб барномаи беҳдоштӣ (гигиенӣ)-ибодатиеро барои муъминон пешкаш намудааст. Муҳтавои аслии ин барномаи покизагӣ-ибодатӣ аз он иборат аст, ки бандаи муъмин доимо пок ва барои ҳузур дар боргоҳи ибодат омода бошад. Ба ин маъно, ки ҳеҷ намозе бе покӣ раво намегардад ва ҳеҷ рӯзи банда бе панҷ вақт намоз нест.

Намозҳо низ ба тавре барномарезӣ шудаанд, ки вақтҳои гуногуни ҳаёти бандаро дар шабонарӯз, аз субҳу нисфирӯзӣ, шомгоҳон ва то ҳангоми хоб дар партави баракоти худ фаро гирифтаанд. Пас бандаи муъмин бояд бардавом пок, бо таҳорат ва дар беҳтарин ҳолати беҳдоштӣ (гигиенӣ) бошад.

Дини ислом риоя ва иҷрои ин барномаи беҳдоштӣ-ибодатиро ба отифаи неки инсонӣ ва хости ихтиёрии ӯ вогузор накардааст, балки онро шарти ибодат ва вазифаи шаръии ҳар муъмин донистааст. Равиш, ангеза ва механизми иҷрои он низ бо ҳамин диққат ва зебоӣ аз ҷониби шаръ пешбинӣ ва муайян гардидааст.

Агар намоз меъроҷи рӯҳӣ ва барномаи такомули шахсияти инсон бошад, пас покӣ ва таҳорат заминаи мусоид ва пойгоҳи табиии ин тулӯи маънавӣ ва раванди худсозии шахс мебошад. Ҳеҷ такомуле дар шахсият ва ташаккуле дар одамияти ӯро бе покӣ ва таҳорат тасаввур кардан имкон надорад. Камоли инсонӣ дар замини покӣ ба бор менишинад ва офтоби одамияташ аз мишкоти таҳорат тулӯъ менамояд.


Калимаи намозгузор маънои одами покиза, шахси озода ва дар беҳтарин ҳолати беҳдоштӣ (санитарӣ) қарордоштаро низ дар худ таҷассум намудааст. Бинобар ин, ин барномаи покизагӣ ва ойини беҳдоштӣ аз тамоми тавсияҳои беҳдоштӣ ва иршодоти гигиение, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа ва донишмандони ин фан барои мардум пешниҳод гардидааст, болотар ва пурбортар мебошад.

Хокию аз нуриён покизатар,
Аз мақоми фақру шоҳӣ бохабар.
Дар нигоҳаш рӯзгори шарқу ғарб,
Ҳикмати ӯ роздори шарқу ғарб.
(Куллиёти Иқбол)

Марҳабо баҳре, ки аз обу гилаш гавҳар баранд,
Ҳаббазо коне, к-аз ӯ покиза симу зар баранд.

Не зи ҳар коне, ки бинӣ, симу зар ояд падид,
Не зи ҳар баҳре, ки бинӣ, гавҳари аҳмар баранд!

Дар миёни садҳазорон най яке най беш нест,
К-аз миёни ӯ ба ҳосил шокирон шаккар баранд!
(Саноӣ, Девони ашъор, қасидаи 52)



Бахши дуввум

КИТОБИ НАМОЗ

حَـٰفِظُواْ عَلَى ٱلصَّلَوَٰتِ وَٱلصَّلَوٰةِ ٱلۡوُسۡطَىٰ
وَقُومُواْ لِلَّهِ قَٰنِتِينَ

**«Намозҳо, ба хусус намози миёнаро,
ҳифозат ва пос доред ва барои Худо
фармонбарона қиём намоед»**
(Сураи Бақара, 2:238)

إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ تَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِۗ
وَلَذِكۡرُ ٱللَّهِ أَكۡبَرُ

**«Ва намозро барпо дор, зеро намоз,
дар воқеъ, аз бадкорӣ ва (аъмоли)
зишт боз медорад ва зикри Худо,
бешак, (дар ин худсозии шахс аз ҳама)
бузургтар аст…»**
(Сураи Анкабут, 29: 45)



НАМОЗ

Намоз дар пешгоҳи Худованд дорои мартаба ва ҷойгоҳи бисёр бузург аст. Намоз аз ҳар ибодати дигар азизтар ва маҳбубтар аст. Намоз ҳамзамон бо он ки меъроҷи маънавӣ ва тулӯъгоҳи рӯҳи бандаи муъмин ба шумор меравад ва созандаи ҷавҳару маъно ва нузҷ (расиш)-у дурахши уфуққои такомул дар аъмоқи бекарони инсон шинохта шудааст, дар айни ҳол фарогирандаи ҷанбаҳои гуногуни инсонияти фард ва ҷомеа низ мебошад.

Намоз ҳадяи ягона ва боарзише аст, ки паёмбари ислом (с) шаби меъроҷ аз ҷониби Парвардигори меҳрубон барои умматони худ ба армуғон овардааст. Худованд панҷ вақт намозро бар бандагонаш фарз гардонида, то аз роҳгузари он дар пешгоҳи кибриёиаш қурб ва савобу ачри бисёре ба даст ованд. Тарки он гуноҳи кабира аст.

Дар хабар аст, ки ***«Ҳар касе хуб ва ба таври комил вузӯ гирад ва намозро бо хотири ҷамъ барпой дорад, рӯзи қиёмат гуноҳони сағира (хурд)-и гузаштааш бахшида шаванд ва дохили биҳишт гардад»***.[1]

Ҳамчунин омадааст, ки *«Намоз шоҳсутуни дин аст. Ҳар касе намозро накӯ барпой дорад, динро устувор ва пойдор намуда ва ҳар касе онро тарк намояд, динро барбод додааст»*.[2]

[1] Саҳеҳи Муслим, 548; Сунани Насоӣ, 855; Сунани Куброи Насоӣ, 178; Мустадраки Ҳоким, 451, ҷ. 1. – С. 222; Муснади имом Аҳмад, 16995. Ҷ. 5. – С. 160; Сунани Куброи Байҳақӣ, 3611. Ҷ. 3. – С. 186; Муъҷаму-л-кабир, 4165, 5244. Ҷ. 4, 5. – С. 210, 249.

Ёдовар мешавем, ки дар матн охири ду ҳадис якҷоя зикр шудааст, зеро дар баъзе ривоятҳои мазкур *«... гуноҳони (хурди) гузаштааш бахшида мешаванд»* ва дар баъзе ривоятҳо *«..., дохили биҳишт мегардад»*, омадааст.

Дар ҳадиси қудсие омадааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***Худои бузургу бартар гуфт: «(Эй паёмбар), панҷ вақт намозро бар умматат фарз гардонидам ва дар назди худ аҳде ниҳодам, ки касе онҳоро дар вақташон мувозабат ва посдорӣ намояд, ӯро ҳатман, дохили биҳишт гардонам ва касе бар онҳо мувозабат ва посдорӣ наварзад, ҳеҷ аҳде дар назди Ман надорад»*** (Сунани Абудовуд, 430; Сунани Ибни Моҷа, 1403; Муъҷаму-л-авсат, 6807. Ҷ. 7. – С. 80).

[2] Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ, ал-Васит фи-л-мазҳаб. Ҷ. 2. – Қоҳира, 1417 ҳ. (1997). – С. 5.

Алоуддин Абубакр ибни Масъуди Косонӣ, Бадоеъу-с-саноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. Ҷ. 1. – Бейрут, 1997. – С. 115. Минбаъд: Бадоеъу-с-саноеъ.

Ҳадиси *«Намоз сутуни дин аст»* аслан дар китобҳои фиқҳ ривоят шудааст ва дар баъзе китобҳо пас аз асли он ин ибораҳо: *«Пас касе онро барпо дорад, динро барпо доштааст ва касе онро тарк намояд, динро барбод додааст»* ва ё танҳо *«Пас касе онро тарк намояд, динро барбод додааст»* низ ривоят шудааст.

Баъзе муҳаддисон, ба монанди Фирӯзободӣ дар «Мухтасар» ва Саховӣ дар «Мақосиди ҳасана» онро заъиф гуфтаанд. Нававӣ дар «Танқеҳ» онро мункар (ва) ботил гуфтааст, вале Ибни Ҳаҷар дар «Талхису-л-ҳабир» сухани Нававиро рад намуда, мегӯяд: Он тавр нест, зеро онро устоди Бухорӣ Абунуъайм дар китоби «Салот» аз Ҳабиб ибни Сулайм аз Билол ибни Яҳё ба таври мурсал ривоят кардааст ва ҳамаи ровиёни он сиқа ва муътамад мебошанд (Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, ат-Талхису-л-ҳабир фӣ тахриҷи аҳодиси ар-Рофиъийи-л-кабир. Ҷ. 1. – С. 445 – Бейрут, 1419 ҳ. (1989).

Бо вуҷуди он гуногунраъйие, ки дар байни муҳаддисон дар бораи тазъиф ва таҳсини ин ҳадис дида мешавад, дар бораи ин ки намоз яке аз муҳимтарин рукнҳо ва усули дин аст, касе шак надорад ва ҳама ба аҳамияти асли намоз дар дин эътироф доранд. Зеро ин маъно ҳам дар чандин ояти Қуръон ва ҳам дар дигар суханони расули Худо (с) бо сароҳат таъкид шудааст.

Аз ҷумла дар ҳадиси дигаре омадааст, ки: *«Марде аз расули Худо (с) пурсид: Кадом амал дар назди Худо дӯстдоштатар аст?* Он ҳазрат (с) фармуд: ***Гузоридани намоз дар вақти худаш ва касе намозро тарк кунад, дин надорад. Намоз шоҳсутун (ва асос)-и дин аст»*** (Шуъабу-л-имони Байҳақӣ, 2807. Ҷ. 3. – С. 39).

Низ ривоят шудааст, ки дар қиёмат пас аз тавҳид ва шинохту эътироф ба ягонагии Парвардигори якто, аввалин пурсиш аз намоз хоҳад буд.[1] Мавлоно Шарафуддини Бухорӣ дар ин бора бас накӯ фармуда:

Обдасту намоз бояд кард,
Дил мақоми ниёз бояд кард!
Рӯзи маҳшар, ки ҷонгудоз бувад,
Аввалин пурсиш аз намоз бувад!

Пас макун дар намозҳо тақсир,
То дар он рӯз бошадат тавқир!
Худ Саноӣ чӣ бас накӯ гуфтааст,
Дурри маънӣ нигар, ки ӯ суфтааст!

Ғами дин хӯр, ки ғам ғами дин аст,
Ҳама ғамҳо фурӯтар аз ин аст!
Ғами дунё махӯр, ки беҳуда аст,
Ҳеҷ кас дар ҷаҳон наёсуда аст!

Дар қиёмат аз тамоми вуҷуди шахси намозгузор нуре, ба монанди офтоб хоҳад дурахшид[2] ва бенамоз аз ин неъмати бузург бенасиб мемонад. Шахсе аз рӯи имон ба намоз пойбандӣ нишон диҳад ва ин фаризаи илоҳиро бо пайравӣ ва итоат аз китоби Худо ва суннати паёмбари акрам (с) ба ҷой оварад, дар қиёмат, ҳатман, ҳамроҳи паёмбарони бузург, сиддиқон, шуҳадои роҳи Худо ва некон (авлиёи бузург) мебошад.[3]

Намоз дар баробари худсозӣ ва ташаккули шахсияти фард, шаффофияту пӯёӣ бахшидан ба нерӯи фикру андеша ва рехтани оромиш бар қалби намозгузор, ҳамзамон заминаҳои рушду некбахтӣ ва шукуфоии ҷомеаро бо тамоми маъно фароҳам меоварад. Зеро фарзонагӣ ва комгории ҳар миллате ба саломатии зеҳну андеша, ҷисму ҷон, пӯёии ақли таҳлилгар ва хулоса, ба вусъати уфуқҳо ва гунҷоиши паҳнои ҷаҳонбинӣ ва нигариши расои фарзандони вай, ки сармояҳои ояндаи он ҳастанд, бастагӣ дорад.

Бо тарбия шудани шахсиятҳои созанда, ҷомеаи дорои шахсият шакл мегирад ва бо рехта шудани қолаби мардони барӯманд пояҳои солим ва зербинои барозандагӣ дар ҷомеа рехта мегардад.

Намоз, ки фарогири зикри Худо ва дуову муноҷоти банда мебошад, дар аҳли худ оромиши рӯҳӣ ва эътидоли равониро ба вуҷуд меоварад ва дар фарозу нишеби зиндагӣ барои ҷони афсурдаи одамӣ марҳам мегардад.[4] Намози бо рӯҳ дар гирудорҳои зиндагӣ барои шахс пойгоҳи нерӯманди маънавие мебошад.[5]

Намоз дар айни ҳоле ки намозгузорро аз тамоюл ба бебандуборӣ ва тардоманӣ (фаҳшо) бозмедорад, ҳамзамон ӯро аз содир намудани ноҳинҷориҳо ва корҳои хориҷ аз меъёрҳои шаръӣ (мункар) низ метавонад боздорад.

Ло илаҳ бошад садаф гавҳар намоз,
Қалби муслимро ҳаҷи асғар намоз.

---

[1] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он паёмбар (с) мефармояд: ***«Аввалин амале, ки банда дар рӯзи қиёмат аз он бозхост (ва пурсида) мешавад, намоз аст. Агар намозаш ба таври дуруст (ва солим) ба бор нишаста бошад, муваффақ ва растагор мегардад. Вале агар намозаш табоҳ (ва беҳосил) гашта бошад, бешак, навмед ва зиёндида мегардад…»*** (Сунани Тирмизӣ, 413; Сунани Насоӣ, 464, 465, 466; Сунани Куброи Насоӣ, 325; Сунани Ибни Моҷа, 1425, 1426; Сунани Доримӣ, 1229. Ҷ. 1. – С. 333; Мустадраки Ҳоким, 965. Ҳоким исноди онро саҳеҳ гуфтааст. 966, 9667. Ҷ. 1. – С. 394; Канзу-л-ъумол, 18877. Ҷ. 1. – С. 905).

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он паёмбар (с) мефармояд: ***«Ман уммататро рӯзи қиёмат дар миёни тамоми умматҳо мешиносам. Гуфтанд: Онҳоро чӣ гуна мешиносӣ? Гуфт: Онҳоро аз ин мешиносам, ки китобҳо (-и аъмолашон) бо дасти росташон ба онҳо дода мешавад ва симояшон аз асари саҷда дар чеҳраҳояшон намоён аст ва нури онҳо аз чапу рост ва аз пеши рӯяшон медурахшад»*** (Мустадраки Ҳоким, 3784. Ҷ. 2. – С. 520; Муснади имом Аҳмад, 21233. Ҷ. 6. – С. 258; Шуъабу-л-имони Байҳақӣ, 2745. Ҷ. 3. – С. 17).

Аз Убай ибни Каъб (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Манзур аз симои эшон, ки он (нишона ва) асари суҷуди онҳост ва дар чеҳраҳояшон намоён аст (бахше аз ояти 29-уми сураи Фатҳ), нури онҳо дар рӯзи қиёмат мебошад»*** (Муъҷаму-с-сағир, 620. Ҷ. 1. – С. 265).

[3] Ишора ба ин оят аст, ки мефармояд: **«Касе Худо ва паёмбарро итоат намояд, пас (чунин одамоне дар қиёмат) ҳамроҳи бандагони инъомшудаи Худо мебошад, ки (онҳо) аз паёмбарон, сиддиқон, шаҳидон ва некон иборатанд ва онҳо чӣ ҳамроҳони хубе ҳастанд!»** (Нисо, 4: 69).

[4] Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Бидонед, ки бо зикри Худо дилҳо ором мегиранд»** (Сураи Раъд, 13: 28).

[5] Расули Худо (с) пас аз он ҳама саъйу талош, вақте эҳсоси хастагӣ мекард, ба Билол (рз) мегуфт: ***«Эй Билол, моро ба намоз роҳат ва оромиш бибахш»***. Яъне азон бидеҳ, то дар боргоҳи намоз афсурдагии худро бартараф намоем (Сунани Абудовуд, 4985, 4986; Муснади имом Аҳмад, 22578, 22643. Ҷ. 6. – С . 500, 512).

Дар кафи муслим мисоли ханҷар аст,
Қотили фаҳшову бағйу мункар аст.
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Асрори худӣ)

Намоз беҳтарин роҳи иртиботи банда бо Парвардигораш мебошад, ки аз он роҳрав дарҳои лутфу навозиш ва баракоти худовандияш бар вай кушода мегарданд ва ба ҳар мизоне, ки ин иртиботи хешро бо мавлояш таҳким бахшад, ба ҳамон андоза хостаҳо ва дуоҳояш бароварда ва мустаҷоб мегарданд.

Хондани намоз ба ҷуз девонагон ва кӯдакон дигар бар ҳама лозим ва зарурист. Ҳамин кӯдаконро низ тибқи раҳнамудҳои паёмбари ислом (с), падару модар бояд аз хурдсолӣ ба намоз хондан одат ва тарбият диҳанд. Агар дар синни даҳсолагӣ ҳанӯз ба баргузории намоз пойбанд нагашта бошанд, онҳоро танбеҳ намоянд.[1]

Дар бораи намоз то ҷое таъкид шуда, ки агар намозгузор қудрати истода анҷом додани онро надошта бошад, нишаста ва агар нишаста натавонист, хобида ва бо ишораи сар намози хешро барпой дорад.

Дар Қуръон борҳо ва борҳо ба некӯ гузоштан ва посдории намозҳо тавсия ва таъкид гардидааст. Худованд мефармояд:

حَٰفِظُواْ عَلَى ٱلصَّلَوَٰتِ وَٱلصَّلَوٰةِ ٱلۡوُسۡطَىٰ

وَقُومُواْ لِلَّهِ قَٰنِتِينَ

«Аз намозҳо (-и панҷвақтаи фарзӣ) ва намози миёна, ҳифозат ва посдорӣ намоед ва фармонбарона (ба ибодати) Худо бархезед».[2]

Ҳамчунин мефармояд:

فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَۚ إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ كَانَتۡ عَلَى

ٱلۡمُؤۡمِنِينَ كِتَٰبٗا مَّوۡقُوتٗا

«Пас намозро барпой доред. Зеро намоз бар муъминон дар вақтҳои муайян навишташуда (ва фарз гардида) аст».[3]

Паёмбари ислом (с) намозро рукни дуюм аз панҷ рукни бинои ислом гуфтааст, он ҷо ки мефармояд: *«Ислом бар панҷ чиз (рукн) бино ниҳода шудааст:* ***1. Шаҳодат додан бар ин ки фармонраво ва фарёдрасе ба ғайр аз Худо вуҷуд надорад ва Муҳаммад фиристодаи Ӯст; 2. Барпо доштани намоз; 3. Додани закот; 4. Ҳаҷ намудани хонаи Худо; 5. Доштани рӯзаи моҳи Рамазон».***[4]

Боз мефармояд: ***«(Фосила ва марзе, ки) дар миёни банда ва ширку куфр аст (яъне ӯро ба куфр мерасонад), тарки намоз аст».***[5]

Низ мефармояд: ***«Намозҳои панҷгона ба монанди дарёе ҳастанд, ки дорои оби поку мусаффо ва фаровон буда, аз пеши хонаи ҳар мусулмоне мегузарад ва ӯ ҳар рӯз панҷ бор худро дар оби он шустушӯ менамояд. Оё фикр мекунед, ки (пас аз ин) чирку нопокие бар бадани ӯ боқӣ мемонад?. Гуфтанд: Не, чизе боқӣ намемонад. Расули Худо (с) фармуд: Намозҳои панҷгона ҳам гуноҳонро аз байн мебаранд, ҳамон тавре ки об чирку нопокиро мешӯяд».***[6]

---

[1] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он паёмбар (с) мефармояд: ***«Фарзандони худро дар синни ҳафтсолагӣ ба намоз амр кунед ва вақте ба синни даҳсолагӣ расиданд, онҳоро бар он (намоз) зарб кунед ва дар бистари хоб аз ҳам ҷудо созед!»***. Яъне агар то синни даҳсолагӣ ба намоз шурӯъ накарда бошанд, онҳоро барои тарки намоз танбеҳ намоед! (Сунани Абудовуд, 494, 495; Сунани Тирмизӣ, 407).

[2] Бақара, 2: 238. Салоти вусто – намози миёна барои тазаккур ба фазилати он ба сурати хосс пас аз зикри он дар зимни омм оварда шудааст. Уламо ва бузургони дин дар таъйини намози миёна ихтилофи назар доранд. Назди аксари саҳоба, тобеин ва аиммаи дин, ба мисли имом Абуҳанифа, имом Аҳмад ва дигарон, мурод аз он дар ояти фавқ намози дигар (аср) аст ва аҳодис ва осори зиёде назари онҳоро таъйид мекунад. Аз ҷумла ривоят шуда, ки расули Худо (с) рӯзи Хандақ гуфт: ***«Аз намози миёна – намози аср моро боздоштанд. Худо хонаҳо ва қабрҳояшонро пур аз оташ созад!»*** (Муттафақун алайҳ). Аммо назди Оиша (рз) ва Зайд ибни Собит (рз) он намози пешин ва назди Алӣ (рз) ва Ибни Аббос (рз) намози бомдод аст.

[3] Нисо, 4: 103.

[4] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 8, 4514; Саҳеҳи Муслим, 114; Сунани Тирмизӣ, 2609; Сунани Насоӣ, 107.

[5] Саҳеҳ: [Саҳеҳи Ҷомеъу-с-сағир, 2848]. Саҳеҳи Муслим 242, 243; Сунани Абудовуд, 4678; Сунани Тирмизӣ, 2619, 2620; Сунани Насоӣ, 463; Сунани Ибни Моҷа, 1078, 1080. Дар баъзе ривоятҳо омадааст: ***«(Фосилаи) байни куфр ва имон намоз аст»*** (Сунани Тирмизӣ, 2618). Дар ривояти дигар омадааст: ***«Аҳд (ва марзи ҷудосозанда)-е, ки дар миёни мо ва онҳост, намоз аст»*** (Сунани Тирмизӣ, 2621; Сунани Насоӣ, 462; Сунани Ибни Моҷа, 1079).

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 528; Саҳеҳи Муслим, 1520; Сунани Тирмизӣ, 2868.

Фасли аввал

НАМОЗҲОИ ПАНҶГОНА

Бар ҳар мусулмони мукаллаф[1] адои панҷ вақт намоз дар ҳар як шабонарӯз фарз аст. Намозҳои панҷгона иборатанд аз:

1. Намози бомдод – ду ракъат фарз.
2. Намози пешин –чаҳор ракъат фарз.
3. Намози аср – чаҳор ракъат фарз.
4. Намози шом – се ракъат фарз.
5. Намози хуфтан – чаҳор ракъат фарз.

Фарзҳо дар ин панҷ вақт ҳабдаҳ ракъат ҳастанд.

Ончи фарз аст дар шаборӯзӣ,
Ҳафдаҳ ракъат бувад гар омӯзӣ!

Ду ба субҳу чаҳор пешин аст,
Чаҳор дар вақти аср таъйин аст.

Се ба шому чаҳор дар хуфтан,
З-ин накӯтар наметавон гуфтан!

ВАҚТҲОИ НАМОЗ

Назди аиммаи ҳанафӣ намозҳое, ки барои онҳо аз сӯи шаръ вақти муайяне пешбинӣ шудааст, се қисманд: а) фарзҳо, б) воҷибот ва в) суннатҳои пеш ва баъди фарзҳо. Пас ҳар яке аз намозҳои панҷгона вақти муайяни худро дорад, ки аввал ва охири он аз ҷониби шаръ ба таври зайл муқаррар гардидааст.[2]

1. ***Намози бомдод.*** Вақти намози бомдод аз тулӯъи фаҷр (дамидани субҳи содиқ) то баромадани офтоб мебошад.

Субҳи содиқ (ростин) рӯшноиест, ки ҳангоми дамидани субҳ аз тарафи машриқ намоён гардида, тамоми уфукро фаро мегирад.

Пеш аз он низ рӯшноие рӯ ба боло лаҳзаҳое намоён шуда, вале зуд аз байн меравад, ки онро субҳи козиб (дурӯғин) мегӯянд.

2. ***Намози пешин.*** Оғози намози пешин баъд аз заволи офтоб буда, охири он вақтест, ки сояи ҳар чиз ба ду баробари худаш (бинобар назари Абуҳанифа (рҳ)) ва ё ба як баробари худаш (бинобар ривояте) бирасад. Ногуфта намонад, ки сояи ҳар чиз ба ғайри он сояе, ки ҳангоми қиём, яъне гардиши завол дорад, ҳисоб мешавад.[3]

---

[1] **Мукаллаф** шахсеро мегӯянд, ки барои ӯ шароити адои амрҳои илоҳӣ, ба монанди синну соли балоғат, ақл, тавоноии ҷисмӣ ва ғайра фароҳам омада бошад.

[2] Вақтҳои намозҳо аввал ва охир доранд, ки ҳар намоз дар тамоми он вақт, яъне дар байни аввал ва охири вақти худ ба ҷой оварда мешавад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақти намоз аввал ва охир дорад. Аввали вақти намози пешин пас аз заволи офтоб ва охири вақташ ҳангоми даромадани вақти намози аср мебошад. Аввали вақти намози аср ҳангоми дохил шудани он (яъне пас аз баъ поён расидани вақти намози пешин) ва охири вақташ ҳангоми зард гаштани ранги офтоб аст.***

Аввали вақти намози шом ҳангоми ғуруб (фурӯ рафтан)-и офтоб ва охири вақташ ҳангоми ғоиб шудан (-и шафақ) дар уфуқ(-и офтобшин) мебошад. Аввали вақти намози хуфтан аз ғоиб шудани шафақ ва охири вақташ ҳангомест, ки шаб ба нисф мерасад. Аввали вақти намози бомдод бошад, ҳангоми дамидани субҳ ва охири вақташ ҳангоми баромадани офтоб аст» (Сунани Тирмизӣ, 151).

Дар ин ҳадис барои охири намозҳои аср ва хуфтан вақтҳои хубиашон зикр шудааст ва пас аз он вақти макрӯҳии онҳо медарояд.

[3] **Завол** дар луғат ба маънои аз байн рафтан, зоил шудан, нобуд шудан, коҳиш ва нуқсон, аз ҷое таҳаввул ва гардиш хӯрдан ва дар истилоҳи фиқҳ, он лаҳзаҳои гузарое, ки офтоб дар нимарӯз болои сари ҳар чиз ва дар ҳолати қиём қарор мегирад; нисфирӯзии адл; қиёми рӯз; маялон ва гардиши офтоб ба сӯи мағриб дар нисфуннаҳори фалакӣ. Завол бо оғози зиёдшавии соя пас аз поёнтарин дараҷаи камии он дар нисфирӯзӣ ба поён мерасад ва он оғози гузаштан ё гаштани офтоб аз миёнаи осмон ва нуқтаи сар (раъс)-и ҳар минтақа ба сӯи мағриб аст. Вақте офтоб аз машриқ тулӯъ мекунад, сояи ҳар чиз ба сӯи мағриб – офтобшин имтидод меёбад ва офтоб ҳарчи ба сӯи миёнаи осмон ва нуқтаи раъс ҳаракат ва

наздиктар мегардад, соя кӯтоҳтар мешавад ва чун ба миёнаи осмон дар ҳар минтақа расид, соя низ ба камтарин ҳадди худ мерасад ва пас аз чанд лаҳзае, ки ба он завол ё вақти гардиши офтоб гуфта мешавад, соя андаке зиёд ва ба сӯи машриқ моил мегардад. Ин оғози зиёдшавӣ ва майли соя ба сӯи машриқ ибтидои вақти пешин аст.

Бар асоси маълони тобистона ва зимистонаи нимкураҳои шимолӣ ва ҷанубии замин дар рӯёрӯи офтоб ва бино ба дигаргунии фаслҳо (айёми сол) ва маконҳо (арзу тӯли ҷуғрофӣ) миқдори сояи завол аз як фасл то фасл ва як ҷо то ҷои дигар тафовут дорад. Сояи ҳар чиз дар вақти завол дар тобистон вақте рӯзҳо ба дарозтарин ҳадди худ мерасанд, аз дигар вақтҳо кӯтоҳтар аст ва дар зимистон, ки рӯзҳо ба кӯтоҳтарин нуқта мерасанд, аз дигар вақтҳо дарозтар аст. Ҳамчунин ҳар сарзамине, ки ба хатти истиво наздиктар бошад, сояи завол дар он аз дигар манотиқ кӯтоҳтар аст.

Сояи хуршед камтар мешавад вақти завол,
Танггирӣ аҳли давлатро далели рафтан аст.
(Соиби Табрезӣ. Девони ғазалиёт)

Наҳор ду навъ аст, наҳори шаръӣ ва наҳори фалакӣ. Вақти наҳори шаръӣ аз дамидани субҳ то ғуруби офтоб ва вақти наҳори фалакӣ аз тулӯи офтоб то ғуруби он аст. Завол, ки ба нисфуннаҳор низ шинохта шудааст, бар асоси наҳори фалакӣ муайян карда мешавад ва он миёнаи марзи замонӣ ва нуқтаи васати онро ташкил медиҳад. Дар ҳар фасли сол бо назардошти дароз ва кӯтоҳшавии шабу рӯз тӯли наҳорро аз тулӯи офтоб то ғуруби он ба таври дақиқ муайян созем ва онро ба ду бахши баробар тақсим кунем, вақти дақиқи завол – нисфи наҳорро метавонем дарёбем. Мас., агар дар зимистон тулӯи офтоб соати 7,34 ва ғуруби он соати 5,8 бошад, тӯли наҳор (рӯз) 9,34 дақиқаро ташкил медиҳад ва ҳар қисмате аз ду тақсими баробари он 4,47 дақиқа аст. Вақте он (4,47 дақиқа)-ро бо 7,34 дақиқаи вақти тулӯъ ҷамъ ё аз 5,8 дақиқаи вақти ғуруб тарҳ кунем, 12,21 дақиқа ҳосил мешавад, ки он вақти завол дар фасли зимистон аст ва пас аз чанд лаҳза ё дақиқа, ки ҷараёни завол – гардиши офтоб идома меёбад, вақти пешин медарояд.

Офтобам ба нимарӯз расид,
Ки бувад нимарӯз вақти завол.
(Ҳоҷ Мирзоҳабиб. Девони ғазалиёт)

Аз он ҷо ки дароз ва кӯтоҳшавии шабу рӯз дар ду тарафи рӯз – пагоҳу бегоҳ ё субҳу шом ба амал меояд ва ин дигаргуншавӣ дар тарафи субҳ дар ҳар нимсола (нисфи давраи гардиши замин дар атрофи офтоб) ҳудудан 20-25 дақиқа камтар аз тарафи шом аст, тафовути камтар аз нимсоатае дар таъйини вақти завол ё нисфуннаҳори тобистон ва зимистон мушоҳида мешавад, яъне камтар аз ним соат ба тарафи моқабли завол афзуда ва илова мешавад, то баробарии комил ҳосил шавад. Ба таври мисол, агар завол дар фасли зимистон ба соати 12,21 рост ояд, пас он дар тобистон ба соати 12,41 рост меояд, ба ин тариқ, ки агар тулӯи офтоб дар дарозтарин рӯзҳои тобистон соати 5,10-и субҳ ва ғуруби он соати 8,5-и бегоҳ бошад, тӯли наҳор (рӯз)-и фалакӣ 5 дақиқа кам 15 соат ва ду тақсими он 7,27 дақиқаро ташкил медиҳанд. Вақте ин 7,27 дақиқаи нисфи наҳорро бо 5,10 дақиқаи вақти тулӯъ ҷамъ ё аз 8,5 дақиқаи вақти ғуруб тарҳ намоем, завол ё нисфи рӯз ба соати 12,37 дақиқа рост меояд ва пас аз чанд лаҳза ҷараёни он ба поён мерасад. Шояд ҳам ин амр ба сабаби тағйирот – каму зиёдшавие буда бошад, ки дар фосилаи замонии миёни субҳ ва тулӯи офтоб бо таносуб ба фаслҳои сол ва матлаъҳо ба вуҷуд меояд.

Заволро бо мушоҳида ва таъйини дақиқи соя дар вақти завол низ метавон муайян кард. Ин сояро дар истилоҳи фуқаҳо файъ (соя)-и завол мегӯянд

3. *Намози аср.* Вақти намози аср аз вақти расидани сояи ҳар чиз ба ду баробари худаш (бино ба назари имом Абуҳанифа (рҳ)) ва ё ба як баробари худаш (бинобар ривояте), яъне аз вақти поён ёфтани намози пешин то нишастани офтоб аст.[1]

4. *Намози шом.* Вақти намози шом аз нишастани офтоб то ғоиб шудани шафақ аст. Шафақ он сурхие аст, ки пас аз нишастани офтоб дар доираи уфуқи офтобшин зоҳир мешавад.[2]

5. *Намози хуфтан.* Вақти намози хуфтан ва витр аз ғоиб шудани шафақ то ҳангоми (дамидани) субҳи содиқ аст,[3] вале намози витр бояд

[1] То зард шудани ранги офтоб вақти хубии намози аср аст ва пас аз он вақти кароҳияти он дохил мешавад ва он то замони ғуруби офтобро дар бар мегирад. Дар ҳолатҳои зарурӣ намози асрро дар ин вақт низ ба ҷой оварда мешавад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе як ракъати намози бомдодро пеш аз тулӯъи офтоб дарёбад, дар воқеъ, намози бомдодро дарёфтааст ва касе як ракъати намози асрро пеш аз ғуруби офтоб дарёбад, воқеан ҳам, намози асрро дарёфтааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 579; Саҳеҳи Муслим, 1373 (608)-163, 164, 165; Сунани Абудовуд, 412; Сунани Тирмизӣ, 186; Сунани Насоӣ, 516; Сунани Ибни Моҷа, 699).

[2] Шафақ дар назди Имомайн ҳамон сурхиест, ки пас аз фурӯ рафтани офтоб дар уфуқи офтобшин зоҳир мешавад, вале он дар назди худи Имом (рҳ) сафедиест, ки пас аз он сурхӣ зоҳир мешавад. Баъзе уламо қавли Имом (рҳ)-ро саҳеҳ ва фатворо ба он донистаанд ва баъзе қавли Имомайнро мавриди таъйид қарор додаанд. Яъне амал кардан ба ҳар ду қавл ҷоиз аст, дар қавли Имом (рҳ) вақҳи эҳтиёт (дар ибодат) ва дар қавли Имомайн ҷиҳати осонӣ ба мардум дар назар гирифта шудааст (Ҳидоя. Ҷ. 1. – С. 145, 146).

[3] Дар ривоятҳо омадааст, ки Ҷабраил (а) ду рӯз дар намозҳои панҷгона барои паёмбар (с) имоматӣ намуда, аввали вақтҳо ва охири вақтҳои мустаҳаббии намозҳоро барои он ҳазрат (с) муайян кардааст. Паёмбар (с) мефармояд:

баъд аз намози хуфтан адо шавад ва пеш аз он хонда намешавад.[1]

ВАҚТҲОИ НАМОЗҲОИ ВОҶИБ ВА СУННАТ

Назди аиммаи ҳанафӣ ду намози воҷиб вуҷуд дорад: намози витр ва намози идайн, назди ҷумҳури аимма онҳо суннат ҳастанд ва назди ҳанбалиён намози ид фарзи кифоя аст. Вақти намози витр ҳамон вақти намози хуфтан аст, вале пас аз он ба ҷой оварда мешавад. Вақти намози ид назди ҷумҳури аимма пас аз баромадани офтоб ва баланд шудани он ба андозаи як найза ва ё каме бештар аз он то завол аст.

Вақти намозҳои суннатҳои қаблӣ ва баъдӣ ҳамон вақти намозҳои фарз аст ва ин суннатҳо аз ҷумлаи тавобеъ ва мукаммилоти он фарзҳо ба шумор мераванд.

«Ҷабраил назди Хона (-и Каъба) ду бор (дар ду рӯз) маро имоматӣ намуд. Дар навбати аввал намози пешинро вақте гузошт, ки соя ба монанди риштае буд. Он гоҳ намози асрро вақте гузошт, ки сояи ҳар чиз баробари худаш гашта буд. Сипас намози шомро вақте гузошт, ки офтоб фурӯ рафта ва рӯзадор ифтор намудааст. Пас аз он намози хуфтанро вақте гузорид, ки шафақ ғоиб гашта буд. Намози бомдодро бошад, вақте гузорид, ки субҳ дамида ва хӯрдан бар рӯзадор ҳаром гаштааст.

Дар навбати дуюм намози пешинро вақте гузорид, ки сояи ҳар чиз ба як баробари худаш расида ва вақти намози асри дирӯза шудааст. Он гоҳ намози асрро вақте гузорид, ки сояи ҳар чиз ба ду баробари худаш расида буд. Сипас намози шомро дар (ҳамон) вақти аввала (дирӯза)-аш ба ҷой овард.

Пас аз он намози хуфтанро ҳангоме ки аз се як ҳиссаи шаб гузашта буд, ба ҷой овард. Намози бомдодро бошад, вақте гузорид, ки замин рӯшан гашта буд. Он гоҳ Ҷабраил ба ман нигоҳ кард ва гуфт: Ин вақти (намозҳои) паёмбарони пеш аз ту аст. Вақт(-и намозҳо) дар миёни ҳамин ду вақт мебошад» (Сунани Абудовуд, 393; Сунани Тирмизӣ, 149. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст. Мустадраки Ҳоким, 693. Ҷ. 1. – С. 306. Ҳоким исноди онро саҳеҳ гуфтааст).

[1] Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки *«Шабе паёмбар (с) намози хуфтанро чандон ба таъхир андохт, ки шаб (қариб) ба тамом ба поён расида буд ва аҳли масҷид ба хоб рафта буданд. Он гоҳ хориҷ шуд ва намози хуфтанро гузорид ва фармуд:* ***Ин вақти намози хуфтан аст, агар бар уммататам машаққат намешуд»*** (Саҳеҳи Муслим, 1443 (638)-219; Сунани Насоӣ, 535).

ВАҚТҲОИ МУСТАҲАБ БАРОИ АДОИ НАМОЗҲО

Аз назари пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ аз аввал то охири вақтҳое, ки барои ҳар намози фарз пешбинӣ шуда, вақти мувассаъ ва фарох ба шумор меравад ва намозгузор дар ҳар бахш ва ҷузъе аз он метавонад намозашро ба ҷой оварад. Ҳамин ки вақти ҳар намозе ба лаҳзаҳои охири худ наздик расид, ки дигар ба ҷуз вақти як такбири таҳрима ва ё вақти баргузории як вақт намоз боқӣ намонда, он ба вақти музайяқ – танг табдил меёбад ва адои фарз бар намозгузор дар он воҷиб мегардад, яъне дигар ба таъхир андохтани намоз бар вай ҳаром аст.

Бо вуҷуди мувассаъ будани вақти намозҳои фарз ва ихтиёри намозгузор дар адои намоз дар ҳар ҷузъе аз он боз ин вақтҳо ба ду қисмат – фурсатҳои афзал ва вақти истиҳбоб ва вақти кароҳият ва ё вақти хубӣ ва ихтиёрӣ ва вақти тангӣ ва ночорӣ ҷудо сохта шудаанд, ки дар фароянди зерин бозгӯ мешаванд.

Назди аиммаи ҳанафӣ исфор дар намози **бомдод** – пас аз каме рӯшан шудани ҳаво ва аз байн рафтани шиддати торикӣ пас аз дамидани субҳ гузоридани он мустаҳаб аст, вале назди ҷумҳури аимма тағлис дар он – торико-торик гузоридани он афзал аст. Дар ин боб аз расули акрам (с) аҳодисе ба субут расида, ки ҳар ду қавлро таъйид мекунанд, вале дар умум назари бузургони ҳанафӣ роҷеҳтар ва истиноди онҳо қавитар аст. он ҳазрат (с) аз ҷумла фармуда: Намози бомдодро рӯшантар бигузоред, ки аҷри он бузургтар аст.[2]

Дар тобистон мустаҳаб аст, ки намози ***пешин*** бо таъхир хонда шавад, вале дар зимистон адои он дар аввали вақт мустаҳаб мебошад.

Таъхири намози ***аср***, чи дар зимистон бошад ва чи дар тобистон, то вақте мустаҳаб аст, ки ранги рӯшноии офтоб тағйир наёфта бошад.

Тағйир ёфтани ранги офтоб ба ин тариқ аст,

[2] Сунани Абудовуд, 424; Сунани Тирмизӣ, 154. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Аз он ҷо ки ҳам дар бораи тағлис ва ҳам дар бораи исфори намози бомдод аҳодиси саҳеҳ собит шуда, баъзе фақеҳони киром байни онҳоро дар амал ба ин тариқ ҷамъ сохта, ки хуб аст дар охири вақти торикӣ онро сар кунад ва дар аввали вақти рӯшанӣ ба поён расонад. Зеро зиёд ба таъхир андохтани он бе узр кароҳият дорад.

ки рӯшноии он ба андозае кам шавад, ки чашмро хира насозад. Вале дар рӯзҳои абрӣ таъчил ва ҳарчи зудтар хондани намози аср мустаҳаб аст.

Таъчили намози **шом**, чи дар зимистон ва чи дар тобистон, мустаҳаб аст.

Таъхири намози **хуфтан** то сеяки шаб ва намози **витр** то охири шаб мустаҳаб аст, вале дар рӯзҳои абрӣ таъчили хуфтан мустаҳаб мебошад.

ВАҚТҲОЕ, КИ ДАР ОНҲО НАМОЗ ҶОИЗ НЕСТ

Дар се вақт: дар аснои баромадан (тулӯъ), қиём ва нишастан (ғуруб)-и офтоб аз хондани намоз манъ шудааст ва ҳамчунин, саҷдаи тиловат ва адои намози ҷаноза низ дар ин се вақт ҷоиз нест.[1]

Вале як намозе ҳаст, ки дар вақти ғуруб (нишастани офтоб) хондани он бо кароҳият ҷоиз мебошад ва он аз барои касест, ки намози аср ҳамон рӯзашро қабл аз ғуруб нахондааст. Шахси мазкур метавонад ҳангоми ғуруб намози асрашро (бо кароҳият) адо намояд.

ВАҚТҲОИ МАКРӮҲ

Адои намозҳои нафлӣ дар вақтҳои зерин макрӯҳ аст:

1. Баъд аз шурӯъи имом ба хутба хондан.

2. Пас аз тулӯи субҳ (ба ҷуз суннати намози субҳ).

3. Баъд аз аср, то адои намози шом.

4. Назди ҷумҳури аимма баъд аз дамидани субҳ то баромадани офтоб – пеш ва баъд аз фарз ғайр аз ду ракъат намози суннати бомдод дигар намози нафл ҷоиз нест, вале гузоридани намози қазоӣ дар он ҷоиз аст. Баъд аз намози аср то ғуруби офтоб низ намози нафл ҷоиз нест, вале намози қазоӣ то замоне ки рӯшноии офтоб тағйир ва дар қурси он хирагӣ пайдо нагашта бошад, ҷоиз мебошад.[2]

5. Агар то баромадани офтоб фурсати зиёде намонда бошад, ки суннат ва фарз ҳар дуро бигунҷонад, дар сурате ки агар суннатро бигузорад, фарз фавт мегардад, суннатро тарк карда, фарзро ба ҷо оварад. Суннат дигар қазоӣ надорад.[3]

6. Шахсе дар намози бомдод вориди масҷид шавад ва бинад, ки ҷамоат барпо гаштааст, фавран ба ҷамоат пайвандад ва суннатро тарк кунад, вале агар ҷои ҷудогонае мавҷуд бошад, ки қироати имомро дар он ҷо нашунавад ва ба дарёфтани ҷамоат низ бовар дошта бошад, дар ин сурат суннатро дар он ҷо бигузорад ва пас аз он ба ҷамоат пайвандад.

7. Пеш аз хондани намози хуфтан бе узре хобидан макрӯҳ аст.

---

[1] Уқба ибни Омири Ҷуҳанӣ (рз) мегӯяд: *«Расули Худо (с) моро дар се вақт аз гузоридани намоз ва хондани намози ҷаноза наҳӣ мекард: вақти баромадани офтоб, то он ки баланд шавад, вақти қиёми нисфирӯзӣ, то он ки офтоб бигардад ва вақти ба ғуруб наздик шудани офтоб, то он ки фурӯ нишинад»* (Саҳеҳи Муслим, 1926 (831)-293; Сунани Абудовуд, 3192; Сунани Тирмизӣ, 1030; Сунани Насоӣ, 559, 564, 2012; Сунани Ибни Моҷа, 1519. Ғайр аз Бухорӣ дигар сиҳоҳи шашгона онро ривоят кардаанд ва Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст).

[2] Ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) аз гузоридани (ҳар гуна) намоз(-и нафлӣ)-е пас аз дамидани субҳ то баромадани офтоб ва пас аз намози аср то фурӯ рафтани офтоб наҳӣ намудааст»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 581; Саҳеҳи Муслим, 1918 (825)-285, 1919 (826)-286; Сунани Абудовуд, 1276; Сунани Тирмизӣ, 183; Сунани Насоӣ, 561; Сунани Ибни Моҷа, 1250. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст).

Ба ҳамин маъно ҳадиси дигаре низ омадааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Пас аз дамидани субҳ (дигар) намозе вуҷуд надорад, то он ки офтоб баланд шавад ва пас аз намози аср низ намозе вуҷуд надорад, то он ки офтоб фурӯ равад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 586, 1197, 1864, 1992, 1995; Саҳеҳи Муслим, 1920 (827)-288; Сунани Насоӣ, 566).

[3] Ин назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) аст, назди имом Муҳаммад (рҳ) агар суннати намози бомдод бо сабабе тарк шуда бошад, қазои онро метавонад пас аз фарз агар то баромадани офтоб вақт бошад ва агар вақте боқӣ намонда бошад, то пеш аз завол ба ҷой оварад.

Фасли дуввум

АЗОН ВА ИҚОМАТ

Азон яке аз шаоир (нишонаҳо)-и дин ва шиори ислом аст. Эҳтиром гузоштан ва муҳаббат бо азон муқтазои имони ҳар муъмин аст. Муаззин амини вақтҳои намоз ва ифтору саҳархўрии мардуми мусулмон аст ва бо ин кор машмули дуои паёмбар (с) мегардад. Он ҳазрат (с) дар ҳаққи имом ва муаззин фармудааст: «Имом зомин ва муаззин муътаман аст. Худоё, имомонро иршод ва муаззинонро мағфират кун!»[1] Билоли Ҳабашӣ (рз) аввалин муаззин дар ислом ва соҳиби ифтихори азонгўӣ барои расули акрам (с) дар таърих буд. Азон дар назди ҷумҳури аҳли илм суннати муаккада аст.

Азонро бозича пиндоштан, масҳака шумурдан ва ба он истеҳзо кардан аломати куфр аст. Дар Қуръони маҷид омадааст:

وَإِذَا نَادَيْتُمْ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ ٱتَّخَذُوهَا هُزُوًا

وَلَعِبًا ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَعْقِلُونَ

«Ва чун ба намоз фаро хонед (азон диҳед), онро ба тамасхур ва бозӣ гиранд. Ин ба сабаби он аст, ки онҳо мардуми беақле ҳастанд». [2]

Низ омадааст:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِذَا نُودِىَ لِلصَّلَوٰةِ مِن

يَوْمِ ٱلْجُمُعَةِ فَٱسْعَوْا۟ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ وَذَرُوا۟ ٱلْبَيْعَ ۚ

ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ

«Чун барои намози рӯзи ҷумъа нидо (азон) дода шавад, пас ба сӯи ёди Худо (намоз) бишитобед ва хариду фурӯшро (то анҷоми намоз канор) бигузоред. Ин барои шумо беҳтар аст, агар (онро) медониста бошед».[3]

Аз ду ояти боло машрӯъияти азон низ собит мегардад. Аз Молик ибни Ҳувайрис (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) мефармояд: ***«Ҳамон тавре ман намоз мегузорам, намоз бигузоред. Ҳамин ки вақти намоз фаро расид, як нафаратон барои шумо азон диҳад ва бузургтаратон барои шумо имоматӣ намояд»***.[4]

Пас аз ҳиҷрат вақте дар Мадина нахустин ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд омад, мусулмонон дар ибтидо барои вақтҳои намоз фурсат мешумурданд – вақтшуморӣ мекарданд ва ҳанӯз касе барои он нидо намекард. Рӯзе бо амри паёмбар (с) дар ин бора бо ҳам суҳбат – машварат карданд, ки барои суҳулати шинохти вақтҳои намоз ва барпоии ҷамоат аломате баргузинанд. Баъзеҳо гуфтанд, ки вақти намоз парчаме барафрозем ва чун онро диданд, якдигарро хабар диҳанд, ки он расули Худо (с)-ро чандон хуш наёмад; баъзеҳо пешниҳод карданд, ки биёед барои даъват ба намоз ба мисли яҳуд буқе – шайпуре баргирем, ки барои расули Худо (с) он низ хуш наомад; баъзе дигар гуфтанд, биёед ба мисли насрониён ноқусе баргузинем, Умар (рз) гуфт: Беҳтар аст мардеро бифиристем, то барои он нидо диҳад. Расули акрам (с) фармуд: Эй Билол, бархез ва нидо кун! Ва чанд вақте мардумро бо нидои «Ассалоту ҷомеъатун – намози ҷамоат!» ба намоз даъват мекарданд.

Абдуллоҳ ибни Зайд мегўяд: «(Ин ҳангом) дар хоб мардеро дидам, ки дар даст ноқусе дошт. Пурсидам: Эй бандаи Худо, оё ин ноқусро ба ман мефурўшӣ? Гуфт: Онро чӣ кор мекунӣ? Гуфтам: Мардумро ба намоз даъват мекунем! Гуфт: Оё туро бар беҳтар аз ин далолат кунам? Гуфтам: Оре. Гуфт: Ин калимотро мегўӣ ва

[1] Сунани Абудовуд, 517; Сунани Тирмизӣ, 207.
[2] Моида, 5: 58.
[3] Ҷумуъа, 62: 9.
[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 631.

калимоти азонро ба ман ёд дод. Он гоҳ каме дуртар биистод, пас аз он гуфт: Вақте қомат гуфтӣ, ин калимотро мегӯӣ ва калимоти қоматро ба ман ёд дод (ки дар он «Аллоҳу акбар» ду бор, шаҳодатайн як борӣ, ҳайяъалатайн як борӣ ва баъд аз он «қад қомати-с-салоту, қад қомати-с-салот» ду бор бар он афзуда шуда ва боз ду бори дигар «Аллоҳу акбар» ва як бор «ло илоҳа иллаллоҳ» омадааст)».[1]

Абдуллоҳ ибни Зайд мегӯяд: «Чун субҳ шуд, расули Худо (с)-ро аз он хабар кардам, фармуд: Ин рӯъёи ҳақ аст, бархез ва онро ба Билол биомӯз, ки ӯ хушовозтар ва аз ту баландсадотар аст ва бигӯ бо он нидо диҳад! Вақте Умар ибни Хаттоб садои азони Билолро шунид, либосашро кашон-кашон ба назди расули Худо (с) омад, дар ҳоле ки мегуфт: Эй расули Худо (с), қасам ба зоте, ки туро ба ҳақ фиристодааст, ман низ мисли онро (дар хоб) дидам! Расули Худо (с) фармуд: Худоро шукр, пас ин босаботтар аст».[2]

Азон бинобар назари роҷеҳ назди муҳаддисон ва сиранигорон соли аввали ҳиҷрат дар ҳамон оғози қудуми муҳоҷирон ба Мадина ва пас аз бинои масҷид машрӯъ гардидааст. Бухорӣ дар таъйиди ин маъно дар Саҳеҳ китоби азон бобе ба номи ибтидои азон кушода ва ояти нуҳуми сураи Ҷумуъа: «Вақте барои намози рӯзи ҷумуъа нидо дода шуд**...**»-ро овардааст, ки ба машрӯияти азон ҳамзамон бо фарзияти намози ҷумъа далолат дорад.

Азон дар луғат ба маънои эълон ва дар истилоҳи шаръ ба маънои эълони вақти намоз бо калимоти махсус аст ва бо он ҳама эҷоз шомили масоили эътиқодӣ мегардад, ки донистани онҳо барои ҳар мусулмон зарур аст. Он бо зикри бузургӣ (акбарият)-и Худо, ки фарогири вуҷуд ва камоли зоти Ӯ таъолост, оғоз гардида, калимаи шаҳодатайн дар баёни тавҳид, нафйи ширк ва исботи рисолати паёмбари акрам (с) ва ҳайяъалатайн даъват ба тоату ибодат ва растагорӣ аст.

Бар намозгузор суннат аст, ки қабл аз намозҳои панҷгона ва низ намози ҷумъа аввал азон ва баъд аз он иқомат гуфта, намозашро шурӯъ намояд.

Азон гуфтан ба ин тариқ аст:

1. Аллоҳу акбар (4 бор)
2. Ашҳаду алло илоҳа илла-л-*лоҳ* (2 бор)
3. Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ (2 бор)
4. Ҳайя ъала-с-салоҳ (2 бор)
5. Ҳайя ъала-л-фалоҳ (2 бор)
6. Аллоҳу акбар (2 бор)
7. Ло илоҳа иллаллоҳ (1 бор)

Дар намози *бомдод* баъд аз «Ҳайя ъала-л-фалоҳ» ду бор «Ассалоту хайрун мина-н-навм» (Ҳаққо, ки намоз аз хоб беҳтар аст) гуфта мешавад.

Аммо иқома ба тарзи зерин гуфта мешавад:

Аллоҳу акбар (4 бор)

Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳ (2 бор)

Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ (2 бор)

Ҳайя ъала-с-салоҳ (2 бор)

Ҳайя ъала-л-фалоҳ (2 бор)

Қад қомати-с-салоту (2 бор)

Аллоҳу акбар (2 бор)

Ло илоҳа иллаллоҳ (1 бор)[3]

Ҳа*нгоми гуфтани азон мандуб аст, ки ангуштони саббоҳаашро ба сӯрохи гӯшҳояш гузорад, зеро ривоят шуда, ки паёмбар (с) ба Билол тавсия кард:* **«Ангуштонатро дар гӯшҳоят бигузор, ки он садоятро баландтар гардонад»**. Агар дастонашро бар гӯ*шҳояш гузорад, низ ҷоиз аст, зеро ривоят шуда, ки Абумаҳзура (рз) чаҳор ангушти дастонашро ба ҳам фишурда ба гӯшҳояш ниҳод ва дар ривояте аз имом (Абуҳанифа (р*ҳ) омадааст, ки

[1] Сунани Абудовуд, 498, 499; Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 2. – С. 392-400; Туҳфаи аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 591. Дар ривояти дигари Абудовуд, ки онро аз тариқи Ибни Исҳоқ аз Зуҳрӣ овардааст, калимаи «Аллоҳу акбар» дар аввали қомат низ чаҳор бор аст.

[2] Сунани Абудовуд, 499; Сунани Тирмизӣ, 189.

[3] Калимаҳои азон, миқдор ва тартиби ҷойгиршавии онҳо аз ривояти Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) ба он тариқе ки аз фариштa дар хоб шунида буд ва ҷамоате аз саҳобагон, аз ҷумла Умар (рз) бо дидани хобҳои мушобеҳе онро таъйид намуданд, баргирифта шудааст ва ин назари аиммаи ҳанафӣ ва ҳанбалӣ дар бораи азон аст. Аиммаи шофеъӣ дар ин бора ба ривояти Абумаҳзура (рз) амал кардаанд, ки он низ айни азони Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) аст, бо ин тафовут, ки дар он тарҷеъ вуҷуд дорад. Тарҷеъ он аст, ки пас аз гуфтани шаҳодатайн муаззин онҳоро бо садои пасттаре дар нафсаш такрор менамояд.

Назди аиммаи моликӣ, имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) такбир дар аввали азон ба мисли охираш ду бор аст, на чаҳор бор, зеро дар ривояте аз Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) ду бор омадааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 63-69; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 2. – С. 359, 360).

агар як дасташро ҳам *ба гӯшаш гузорад, ҷоиз аст. Амр ба ниҳодани ангуштон дар гӯшҳо дар ҳадис ба надб – истиҳбоб далолат мекунад, пас агар нагузорад ҳам ҷоиз аст.*[1]

Азонро беҳтар аст дар ҷои баландтар бигӯяд, то садои муаззин ба атроф бирасад. Ибни Саъд бо санади хеш аз модари Зайд ибни Собит (рз) овардааст, ки фармуд: Хонаи ман баландтарин хона дар атрофи масҷид (-и паёмбар (с) буд ва Билол аввалин боре, ки азон гуфт, аз болои он азон мегуфт, то он ки расули Худо (с) масҷидашро бино кард. Пас аз он аз болои масҷид азон мегуфт ва чизе дар болои он (барои азон) гузошта шуда буд.[2] Низ мустаҳаб аст, ки барои гуфтани иқомат ҷояшро аз мавзеи азон иваз кунад ва ин қавл (байни фуқаҳо муттафақун алайҳ аст.[3]

АҲКОМИ АЗОН ВА ИҚОМАТ

Азон ва иқомат баъд аз дохил шудани вақти намоз гуфта мешаванд ва агар пеш аз вақт гуфта шаванд, онҳоро иъода менамоянд.[4]

Азонро бо оромӣ ва тааннӣ (нарм-нарм) мегӯянд, ба сурате ки шунаванда пас аз гуфтани ҳар ҷумла ҷавоби онро гуфта тавонад, вале дар иқомат каме суръат ва тезӣ ба кор гирифта мешавад.

Дар мазҳаби имом Абуҳанифа (рҳ) дар азон тарҷеъ вуҷуд надорад. *Тарҷеъ* он аст, ки дар аввали азон шаҳодатайнро бо овози паст бигӯяд ва пас аз он дубора руҷӯъ карда онҳоро бо садои баланд бигӯяд.[5]

Аз *талҳин* низ дар азон манъ шудааст. Талҳин он аст, ки калимоти азон бо афзудани ҳарфе ё ҳаракате ва ё мадде бар онҳо аз ҳолати аслиашон тағйир дода шаванд.

Сухан гуфтан дар аснои азон ва иқомат ҷоиз нест.

Дар байни азон ва иқомат дар ҳар намозе, ба ҷуз намози шом, миқдоре менишинанд.[6]

Ҳамчунин дар байни азон ва иқомат дар ҳар намозе *тасвиб* шавад ва он иборат аз дубора огоҳ сохтани мардум аст. Дар ҷойҳои мо маъмулан бо гуфтани *«қомат-қомат»* мардумро огоҳ месозанд.

Тасвиб дар ибтидои машрӯияти азону қомат вуҷуд надоштааст. Рӯзе Билол (рз) пас аз азони намози бомдод ба назди ҳуҷраи расули Худо (с) омад, то он ҳазрат (с)-ро аз вақти намоз огаҳ намояд ва ӯро хобида ёфт. Билол чун инро дид, ду бор: «Ассалоту хайрун мина-н-навм» гуфт. Паёмбар (с) гуфт: «Ин чӣ каломи зебое, эй Билол! Онро дар азонат (барои намози бомдод) ҷой бидеҳ!» Асли тасвиб аз ин ҷо пайдо шуд ва он ба ҳамон сурате ки паёмбар (с) дар намози бомдод муайян карда, назди тамоми аимма суннат аст.

Уламои мутақаддими ҳанафӣ дар Куфа тасвиби дигареро бо ду бор гуфтани калимаи «Ҳайя ъала-с-салоти, ҳайя ъала-л-фалоҳ» дар намози бомдод дар байни азону қомат ҷоиз донистаанд, вале дар намозҳои дигар онро макрӯҳ гуфтаанд. Мутаххирин онро дар тамоми намозҳо ба ҷуз шом ба сабаби такосул ва ғафлати мардум ҷоиз дониста ва гуфтаанд: Тасвиб бар ҳасаби урфи ҳар сарзамин аст, ки бо «уҳ-уҳ» гуфтан ошалф мекунанд ё «ассалота, ассалота» ё «қомат, қомат» мегӯянд ва ё ба тариқи дигаре таваҷҷуҳи ҳозиронро ба намоз ҷалб намоянд.

Бӯюсуфи Қозӣ (рҳ) дар замони садорат бар қазо тасвибро барои огаҳ намудани ҳар касе, ки ба гунае ба умури муслимин ва масолеҳи онҳо сару кор дорад, ба монанди имом (подшоҳ), қозӣ, муфтӣ ва ғ. ҷоиз донистааст ва муаззин

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 67.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 67.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 70.

[4] Ривоят шудааст, ки *«Билол (боре) пеш аз дамидани субҳ азон гуфт. Паёмбар (с) ба ӯ дастур дод, ки баргардад ва нидо диҳад, ки:* ***Банда, дар ҳақиқат, дар хоб мондааст, банда, дар ҳақиқат, дар хоб мондааст»*** (Яъне нофаҳмида ва хоболуд пеш аз вақт азон гуфтааст) (Сунани Абудовуд, 532, 533). Дар Сунани Куброи Байҳақӣ омадааст, ки *«Паёмбар (с) ӯро пурсид: Чаро пеш аз вақт азон гуфтӣ? Гуфт: Бедор шудам ва хоболуд гумон кардам, ки субҳ дамидааст. Паёмбар (с) ба вай дастур дод…»* (Сунани Куброи Байҳақӣ, 1840. Ҷ. 2. – С. 125).

[5] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 159.

[6] Назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар байни азон ва иқомати намози шом наменишинад, балки пас аз азон ҳамчунон истода каме – ба миқдори се ояти кӯтоҳ сукут мекунад, он гоҳ иқомат мегӯяд. Аммо назди Имомайн дар он низ каме менишинанд, то миёни азон ва иқомат фосилае ба вуҷуд ояд ва ба ҳадисе, ки дар ин маврид ворид шудааст, амал шавад. Дар ҳадиси «Азон чӣ гуна пайдо шуд» омадааст, ки *«Пас аз азон каме истода, он гоҳ иқоматро ба ӯ таълим дод»* (Сунани Абудовуд, 499, 507). Агар дар он бинишинад, назди Абуҳанифа (рҳ) низ кароҳияте надорад. Ва бо ичмоъ (-и фуқаҳо) васл – пайвастани азон бо иқомат макрӯҳ аст, ҳатто дар намози шом ҳам, ки бошад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 70).

пеш аз қомат метавонад бигӯяд: «Ассалому ъалайка, айюҳа-л-амир, ҳайя ъала-с-салоти, ҳайя ъала-л-фалоҳ» ва ё «Ассалоту, ярҳамукаллоҳ!» Шофеъиён, ҳанбалиён ва баъзе моликиён низ бо назари Абуюсуф (рҳ) дар ин маврид ҳамраъйӣ доранд. Аммо имом Муҳаммад (рҳ) ихтисоси кормандони давлатиро ба ин амр баъид донистааст, зеро мардум дар амри ҷамоат ҳама бо ҳам баробар ҳастанд.[1]

Барои намозҳои фавтшуда низ гуфтани азон ва иқомат суннат аст. Агар касеро чандин намоз фавт шуда бошад ва бихоҳад дар як вақт қазои онҳоро ба ҷо оварад, бояд дар аввалин намози он азон ва иқомат бигӯяд ва дар намозҳои баъдаш ихтиёр дорад, ки ҳар дуро бигӯяд ва ё бо гуфтани иқомат иктифо намояд.

Гуфтани иқомат бевузӯ кароҳият дошта, гуфтани азон бевузӯ боке надорад. Аз ин рӯ, агар шахсе бевузӯ азон ва иқомат гӯяд, онҳоро иъода наменамояд. Гуфтани иқомат ва азон дар ҳоли ҷанобат низ макрӯҳ мебошад, Вале агар касе дар ин ҳол азон ва иқомат гӯяд, бояд азонро иъода намоянд, на иқоматро.

Намозгузорон ҳангоми гуфтани «Ҳайя ъала-с-салоҳ» аз ҷои худ бармехезанд ва бо шунидани: «Қад қомати-с-салот» ба намоз шурӯъ менамоянд.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ АЗОН ВА ИҚОМАТ

1 Азон ва иқомат суннати муаккада мебошанд ва танҳо барои намозҳои фарз гуфта мешаванд. Он фарз, хоҳ бо ҷамоат баргузор гардад ва хоҳ бо танҳогузорӣ, чи намози вақтӣ бошад, чи қазоӣ ва намозгузор, хоҳ муқим бошад, хоҳ мусофир.

2. Азон ва иқомат барои мардон суннат ва барои занон макрӯҳ аст.

3. ***Азон понздаҳ ҷумларо дар бар мегирад***.

Мафҳуми ҷумлаи аввал, ки чаҳор бор такрор мешавад:

1. *Аллоҳ аз тамоми васфу баён ва ҳадсу гумон бузур*гтар аст.

Аллоҳ бузургтар аст.

Мафҳуми ҷумлаи дуюм, ки ду бор такрор мешавад:

2. *Шаҳодат медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди дигаре ба ҷуз Худои якто вуҷ*уд надорад ва ҳеҷ чизе ба ҷуз Ӯ сазовори парастиш намебошад.

Мафҳуми ҷумлаи сеюм, ки ду бор такрор мешавад:

3. *Шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад (с) фиристода ва паёмовари Х*удост.

Ҷумлаи дуюм ва сеюмро маъмулан шаҳодатайн мегӯянд.

Мафҳуми ҷумлаи чаҳорум:

4. *Барои намоз бишитоб!.*

Мафҳуми ҷумлаи панҷум:

5. *Ба сӯи растагорӣ бишитоб!.*

Мафҳуми ҷумлаи шашум:

6. *Аллоҳ бузургвор аст.*

Мафҳуми ҷумлаи охирин:

7. *Ҳеҷ маъбуди дигаре, ба ҷуз Худои якто, вуҷуд надорад ва ҳеҷ чизе, ба ҷуз Ӯ, сазовори парастиш намебошад*.

4. Ба забони тоҷикӣ (форсӣ) азон гуфтан ҷоиз нест, яъне маънои тарҷимагаштаи ҳар ҷумла ва калимаро ба ҷои калимот ва асли арабии онҳо ба кор гирифтан ҷоиз нест, ҳарчанд азон будани он маълум бошад.

5. *Барои муаззин (азондиҳанда) панҷ чиз мустаҳаб аст:*

а) Азондиҳанда шахси парҳезгор бошад.

б) Аз аҳком ва дастуроти шариат огоҳ буда, вақтҳои намозро нағз бишиносад.

в) Пои ба вузӯ ва рӯй ба ҷониби қибла азон диҳад.

г) Ҳангоми азон ангуштони дастҳояшро дар гӯшҳояш бимонад.

ғ) Ҳангоми гуфтани *«Ҳайя ъала-с-салоҳ»* рӯяшро ба тарафи рост ва ҳангоми гуфтани *«Ҳайя ъала-л-фалоҳ»* ба тарафи чапаш бигардонад.

6. Дар байни азон ва иқомат, гузашта аз он ки вақти истиҳбоб ва хубии ҳар намоз риоя гардад, бояд ба қадре фосила монад, то намозгузорон битавонанд ба ҷамоат ҳозир шаванд.

7. Дар намози шом ба андозаи қироати се оят фосила гузоштан дар байни азон ва иқомат мустаҳаб аст.

8. Азон ва иқомат гуфтани шахсони зерин: бевузӯ, ҷунуб, кӯдаки ба синни тамйиз (ақл) норасида, девона, маст, зан[2] ва одами фосиқ

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 69, 70; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 2. – С. 360, 361.

[2] Азон ва қомат гуфтани зан барои ҷамоати занон макрӯҳ аст, хоҳ намозашонро бо ҷамоати занона бигузоранд, хоҳ танҳогузор. Пас азон ва қомат гуфтани зан

макрӯҳ мебошад. Ҳамчунин нишаста азону қомат гуфтани макрӯҳ аст.

9. Рӯзи ҷумъа дар масҷиди панҷвақта – дар ғайри масҷиди ҷомеъ барои баргузории намози пешин азон додан макрӯҳ аст.

10. Аз назари фақеҳон бо истинод ба ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) ва ҳадиси Абумаҳзура (рз) хуб ва шоиста аст, ки муаззин хушовоз ва баландсадо бошад.[1]

11. Шунавандаи азон бояд хомӯшона ба он гӯш диҳад ва пас аз шунидани ҳар ҷумлае айни ҳамонро оҳиста такрор намояд, ки ин ҳамон ҷавоби азон аст. Мас., ҳангоме ки муаззин «Аллоҳу акбар» гуфт ва дар он лаҳзаҳои гузарое, ки барои гуфтани ҷумлаи баъдӣ омода мегардад, шунаванда ҳамон калимаи «Аллоҳу акбар»-ро такрор намояд. Вақте муаззин ба «*Ҳайя ъала-с-салоҳ»* ва «*Ҳайя ъала-л-фалоҳ»* бирасад, шунаванда дар поён айни он калимотро такрор накарда, балки «*Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ»* (Қудрати боз истодан аз гуноҳон ва низ тавоноӣ бар анҷоми тоатҳо танҳо бо мадади Худованди баландмартаба ва бузургвор муяссар мегардад), бигӯяд. Аз Абусаъид (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте садои азонро шунидед, бигӯед мисли он чи ӯ мегӯяд!»***[2] ва дар қисмате аз ҳадиси Умар (рз) омадааст: ***«Вақте «Ҳайя ъала-с-салоҳ» ва «Ҳайя ъала-л-фалоҳ» гуфт, «Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ» бигӯяд»***.[3]

12. Баъд аз азон суннат аст, ки ҳам худи азондиҳанда ва ҳам шунавандагон ин дуоро бихонанд:

Аллоҳумма рабба ҳозиҳи-д-даъвати-т-томмаҳ ва-с-салоти-л-қоимаҳ, оти Муҳаммадани-л-василата ва-л-фазилаҳ, вабъасҳу мақоман маҳмудани-л-лазӣ ваъадтаҳу. Иннака ло тухлифу-л-миъод.

«Бор Худоё! Парвардигори ин даъват ва нидои расо ва намози барпогашта! Барои Муҳаммад (с) васила ва бузургворӣ ато фармо ва ҷанобашро дар он ҷойгоҳ ва мақоми ситудае, ки барояш ваъда додаӣ, мабъус бигардон. Ростӣ, ки Ту ваъдагоҳи хешро хилоф насозӣ».[4]

Байни азон ва қомат вақти иҷобати дуост, намозгузор дар он лаҳзаҳои тулӯи нур саъй намояд, ки рӯи дил сӯи Худо оварад ва ҳарчи бештар ба дуо ва арзи ниёз пардозад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Дуо дар байни азону қомат рад карда намешавад»***[5] ва дар баъзе ривоятҳои Анас (рз) омадааст: ***«Дуо дар байни азону қомат мустаҷоб аст».***[6]

13. Азон гуфтан дар чанд мавриди дигаре ғайр аз намозҳои фарзӣ низ машрӯъ ва ё аз назари фақеҳон хуб ва ҷоиз аст: а) Азон гуфтан дар гӯши тифли навзод, б) дар гӯши шахси ғамзада, то ғамму андӯҳ аз вай дур шавад, в) дар гӯши гирифтори саръ, г) дар гӯши одами асабонӣ ва ба хашмафтода, бадхулқ ва тундрафтор, то ба эътидол баргарданд, д) ҳангоми тамарруди ҷинну шайтон ва эҳсоси зиёни онҳо.[7]

ФАРҚИ АЗОН АЗ ҚОМАТ

Дар азон ҳадди ақал даҳ ҳукми умда вуҷуд дорад, ки шаш ҳукми он дар қомат низ вуҷуд до-

барои мардон ба тариқи авло кароҳият дорад.

[1] Ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) дар ибтидои фасл дар баёни ибтидои машрӯияти азон гузашт. Дар он омадааст, ки расули Худо (с) ба вай гуфт: Онро ба Билол биомӯз, ки ӯ хушовозтар ва аз ту баландсадотар аст. Ҳадиси Абумаҳзура (рз) дар баёни талаби музд бар азон меояд. Вай дар аввали ин ҳадис мегӯяд: «Вақте расули Худо (с) (пас аз фатҳи Макка) аз Ҳунайн баргашт, ман ҳамроҳи гурӯҳи даҳнафараи Қурайш дар талаби вай баромадам. Вақте ба вай расидем, муаззинаш азон медод. Мо ҳам барои истеҳзои онҳо ба садояшон тақлид карда азон гуфтем. Расули Худо (с) вақте садои моро шунид, одам фиристод ва моро ба наздаш бурданд. Фармуд, то яко-як азон гуфтем, ки садои ман барояш писанд омад...» (Сунани Насоӣ, 632).

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 611; Саҳеҳи Муслим, 846 (383)-10; Сунани Тирмиз, 208.

[3] Саҳеҳи Муслим, 848 (385)-12.

[4] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе пас аз шунидани азон «Аллоҳумма рабба ҳозиҳи…»-ро бигӯяд, шафоати ман дар рӯзи қиёмат барояш воҷиб мегардад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 614, 4719; Сунани Абудовуд, 529; Сунани Тирмизӣ, 211; Сунани Насоӣ, 679; Сунани Ибни Моҷа, 722 Ёдовар мешавем, ки ибораи охирин: «*Иннака ло тухлифу-л-миъод*» дар китобҳое, ки ҳадис аз онҳо тахриҷ шудааст, наомадааст.

Ҳамчунин мефармояд: ***«Касе пас аз шунидани нидои муаззин: «Ва ана ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу, ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ. Разийту биллоҳи раббан ва би Муҳаммадин расулан ва би-л-исломи динан» бигӯяд, Худо гуноҳони ӯро мағфират намояд»*** (Саҳеҳи Муслим, 849 (385)-12, (386)-13; Сунани Абудовуд, 525; Сунани Тирмизӣ, 210; Сунани Насоӣ, 678; Сунани Ибни Моҷа, 721. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан, саҳеҳ ва ғариб гуфтааст).

[5] Сунани Абудовуд, 522; Сунани Тирмизӣ, 212.

[6] Туҳфаи аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 650.

[7] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 62-63.

ранд ва дар онҳо бо ҳам муштарак ҳастанд, вале чаҳор ҳукми дигараш дар қомат вуҷуд надоранд:

1. Азон барои намозҳои фарз суннат аст,

2. агар пеш аз вақт гуфта шавад, иъода – аз сар гуфта мешавад,

3. бо чаҳор такбир шурӯъ мешавад,

4. дар он тарҷеъ вуҷуд надорад,

5. дар он лаҳн вуҷуд надорад,

6. ба ҳангоми гуфтани «Ҳайя ъала-с-салот, ҳайя ъала-л-фалоҳ» муаззин ба росту чап илтифот мекунад,

7. агар бар манора бошад, ба тарафҳои он давр мезанад,

8. бо тарассул – оҳистагӣ ва таannӣ гуфта мешавад,

9. дар азони бомдод пас аз «Ҳайя ъала-л-фалоҳ» ду бор «Ассалоту хайрун мина-н-навм» афзуда мешавад,

10. ангуштонашро дар гӯшҳояш мегузорад.

Дар қомат ба ҷои тарассул (оҳистагӣ) дар гуфтани калимаҳо тезӣ ва шитоб ба кор бурда мешавад, дар ҷои «Ассалоту хайрун мина-н-навм» дар ҳамаи намозҳо ду бор «Қад қомати-с-салоту» гуфта мешавад, ангуштон ба гӯшҳо гузошта намешаванд ва дар он давр задан низ вуҷуд надорад, зеро он дар манора гуфта намешавад.

Ҳамчунин гуфтани азон дар баъзе мавридҳо аз намозгузорон ё ба тариқи рухсат ва ё ба таври маснун соқит мегардад, ба монанди мусофир, ки азон дар ҳаққи вай ба тариқи рухсат соқит мегардад, пас аз аввалин намози фавтшуда ва дар ибтидои намози дуюм, вақте пайи ҳам ва дар як вақт гузорида шаванд ва дар Арафот барои ҳаҷгузорон, ки намози пешин ва асрро ҷамъи тақдим менамоянд, азон пеш аз намози дуюм – аср ба таври маснун соқит мегардад. Қомат дар тамоми ин мавридҳо ба ҷои худ ба ҳайси суннат боқӣ мемонад.

Назди ҷумҳури аимма – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ калимоти қоматро, ба ҷуз такбири аввал ва «Қад қомати-с-салоту», як борӣ мегӯяд, такбири аввал ва «Қад қомати-с-салоту»-ро ду борӣ мегӯяд. Зеро дар ривояте аз Анас (рз) омадааст: ***«Билол амр шуда буд, ки азонро ҷуфт ва қоматро витр – яктоӣ бигӯяд».***[1] Аиммаи ҳанафӣ дар ин мавриd ба осоре истинод кардаанд, ки ба гуфтаи Таҳовӣ бо тавотур аз Билол собит шуда, ки ӯ то дами марг калимоти азонро ҷуфт – дутоӣ мегуфт ва ҳамин тавр ба ривояти Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) дар бораи азон ва қомат истинод кардаанд, ки дар он калимоти қомат низ ҷуфт омадаанд.[2]

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 603-607; Саҳеҳи Муслим, 836-37 (378)-2-3; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 68, 69. Бо истинод ба ҳадиси мазкур назди моликиён бар хилофи тамоми аимма калимаи «Қад қомати-с-салоту»-ро низ як бор мегӯяд.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 68, 69; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 6. – С. 6, 7.

Фасли севвум

ШАРТҲОИ НАМОЗ

Риоя намудани шартҳои зерин барои ҳар намозгузор лозим аст ва онҳоро фарзҳо ва ё шартҳои пеш аз намоз мегӯянд:

1. Бояд бадан ва либоси намозгузор ва ҳамчунин, он маконе, ки мехоҳад дар он намоз бигузорад, аз наҷосатҳо пок бошанд, яъне пок будани бадан, ҷой ва ҷомаи шахс барои гузоридани намоз шарт аст.[1]

2. Сатр (пӯшидан)-и аврат.

3. Истиқболи қибла (рӯ ба сӯи қибла истодан).[2]

4. Ният. Намозгузор бояд бо ният дохили намоз шавад ва ҳамин тавр, аз оғоз то поёни намоз бидонад кадом намозро мехонад ва онро барои анҷоми фармони Худованди олам ба ҷо меоварад.

5. Шинохтани вақт. Ҳар намозеро дар вақти худаш адо намояд.

6. Пок будан аз ҳадас (бетаҳорати)-и хурд ва бузург, яъне аз бевузӯгӣ ва аз ҷанобат.[3]

Забт кун ин ду шаш фариза кунун,
Шаш даруни намозу шаш берун!

То намози ту бонаво гардад,
Фарзу нафлат ҳама раво гардад!

Ончи берун кунун туро фарз аст,
Арза дорам, ки мӯҷиби арз аст!

Ният асту таҳорату[4] такбир,[5]
Пӯшиши аврату макони таҳир.

Ғами ислом боядат хӯрдан,
Рӯй ҳам сӯи қибла овардан!

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Агар либоси касе нопок бошад ва чизе ҳамроҳи худ надошта бошад, ки либосашро бо он пок созад, метавонад бо ҳамон либоси нопок намоз хонда ва намозашро иъода нанамояд. Намоз бо он либоси наҷис беҳтар аст аз бараҳна гузоштани он.

2. Шахсе либосе надошта бошад, ки авраташро сатр намояд, метавонад ҳамон тавр урён ва луч намозашро бо рукӯъ ва суҷуд адо намояд. Вале беҳтар аст нишаста рукӯъу саҷдаашро анҷом диҳад.

3. Агар ҳангоми баргузории намоз аз чаҳор як ҳиссаи аврати намозгузор бараҳна бошад,

---

[1] Худованд мефармояд: **«Ва либосҳоятро пок соз»** (Сураи Муддассир, 74: 4)

[2] Худованд мефармояд: **«Пас рӯи худро ба ҷониби Масҷиду-л-ҳаром бигардон ва дар ҳар кучое бошед, рӯйҳоятонро ба ҷониби он бигардонед»** (Сураи Бақара, 2: 150).

[3] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Намози ҳеҷ касе, то вузӯ нагирад ва покиро дар мавзеъҳои худаш нагузорад, тамом (ва раво) намегардад…»*** (Сунани Абудовуд, 857; Сунани Ибни Моҷа, 460). Ҳамчунин мефармояд: ***«Касе вузӯ надошта бошад, намозе барои ӯ нест…»*** (Сунани Абудовуд, 101; Сунани Ибни Моҷа, 398, 399, 400; Мустадраки Ҳоким, 518, 519, 520. Ҷ. 1. – С. 245, 246, 992, 9899. Ҷ. 1, 4. – С. 402, 66; Муснади имом Аҳмад, 9137. Ҷ. 3. – С. 146, 26604, 26605, 26606. Ҷ. 7. – С. 527). Ояти фарзияти вузӯ ва ғусл низ ҳамин покиро дар назар дорад.

[4] Манзур аз таҳорат дар ин ҷо покии бадан аст аз наҷосати ҳақиқӣ ва ҳукмӣ.

[5] Манзур такбири таҳрима аст. Аз он ҷо ки такбири таҳрима ҳам дар охирин мақоми шартҳои беруни намоз ва пайваста ба онҳо ва ҳам дар ибтидои фарзҳои даруни намоз ва ба унвони даромаде барои онҳо воқеъ шуда, назди баъзе фақеҳон аз фарзҳои беруни намоз – шартҳои пеш аз намоз ва назди баъзе дигар аз фарзҳои даруни он ба шумор меравад. Ба фармудаи аксари матнҳои фиқҳӣ ва дар қавли роҷеҳ назди фақеҳон он дар тамоми намозҳо аз фарзҳо – шартҳои ибтидои намоз аст, магар дар намози ҷаноза, ки дар он ба мисли бақияи такбирот бо иттифоқи аимма аз ҷумлаи рукнҳои он ба шумор меравад.

намозаш дуруст намегардад.

4. Ҳангоми хондани намоз, агар сари духтари ба балоғат нарасида бараҳна гардад, намозаш ҷоиз аст.

5. Агар тамоми либос нопок бошад ва ё камтар аз чаҳор як ҳиссаи он пок ва боқӣ ҳамааш наҷис бошад, дар ин сурат намозгузор ихтиёр дорад: ё бо он либоси наҷис ва ё бараҳна намозашро бигузорад, вале бо он либос гузоридани намоз беҳтар мебошад. Агар аз чаҳор як ҳиссаи либос пок бошад, гузоридани намоз бо либос воҷиб аст.

6. Дар мусофират агар ба андозае об дошта бошад, ки яке аз ду корро ё вузӯ ва ё пок сохтани наҷосатро кифоя кунад, дар ин сурат бо оби доштааш наҷосатро бишӯяд ва барои намоз таяммум бигирад.

7. Шахсе намози пешинашро адо намояд ва баъдтар маълум шавад, ки вақти намози пешин ба охир расида ва ин вақти намози аср мебошад, намози гузоридаи вай комил ва ҷоиз аст, дигар пешинашро қазоӣ намегузорад.

8. Шахсе намозеро гузорад ва баъдтар маълум шавад, ки ҳанӯз вақти он намоз надаромадааст, он намозаш дуруст намегардад. Бояд онро бори дигар, пас аз даромадани вақт бигузорад.

9. Бо забон ният кардан ҳатмӣ намебошад, балки намозгузор дар дил ҳамин қадар ирода намояд, ки мехоҳам фалон намозро бигузорам, кифоя аст. Агар нияташро ба забон ифода намояд ва ҳамин қадар бигӯяд, ки ***«Ният кардам бигузорам (чаҳор ракъат) фарзи намози пешин ё аср ва ё хуфтан»,*** кифоя бошад.

10. Агар дар дил нияти пешинро дошта бошад, вале бар забонаш мас., намози аср ҷорӣ шавад, боке надорад ва намоз дуруст мешавад.

11. Агар ба фаромӯшӣ ба ҷои чаҳор ракъат шаш ракъат ва ё ба ҷои ду се ракъат бигӯяд, ҷоиз аст ва зарраре надорад.

12. Агар касеро чанд вақт намоз қазо шуда бошад ва бихоҳад қазои онҳоро ба ҷой оварад, бояд вақтро дар нияти худ муайян намояд. Ин гуна ният кунад, мас.: ***«Ният кардам ба ҷой оварам қазои (ду ракъат) фарзи аввалин бомдодро ё (чаҳор ракъат) пешини аввалинро ё қазои (ду ракъат) фарзи охирин бомдодро ё фарзи (чаҳор ракъат) пешини охиринро».*** Агар ба таври мутлақ фарз ният кунад, ҷоиз нест.

13. Агар аз касе намозҳои чанд рӯз пай дар пай фавт шуда бошанд ва акнун мехоҳад қазои онҳоро ба ҷой оварад, бояд чунин ният кунад: ***«Ният кардам ба ҷой оварам қазои (ду ракъат) фарзи бомдоди рӯзи шанбе ё якшанберо».***

Агар қазои намозҳои чандмоҳа ва ё чандсолаашро бихоҳад ба ҷой оварад, ҳамин ки бигӯяд: ***«Ният кардам ба ҷой оварам ё бигузорам қазои (ду ракъат) фарзи аввалин бомдод ё (чаҳор ракъат) фарзи аввалин пешин ё аср-ро ё охирин…»,*** кофӣ бошад.

14. Дар намозҳои суннат ва нафл ҳамин ки бигӯяд: ***«Ният кардам бигузорам ду ракъат намоз барои Худо «Аллоҳу акбар»,*** кифоя бошад. Аммо дар намози таровеҳ беҳтар аст бигӯяд: ***«ду ракъат суннати намози таровеҳ».***

МИҚДОРИ ПӮШОНИДАНИ АВРАТ

Миқдори аврати мардон ки пӯшонидани он ҳам дар намоз ва ҳам дар хориҷи он фарз ва лозим аст, аз зери ноф то зери зону мебошад.[1]

Он миқдоре, ки барои мард аврат аст, барои зани каниз ба иловаи пушт ва шикамаш аврат буда, бақияи аъзои баданаш аврат ҳисоб намешаванд.

Аммо тамоми бадани зани озод, ба ғайри рӯ, дастҳо ва пойҳояш, аврат мебошад.[2]

ҶИҲАТИ ҚИБЛА

Яке аз шартҳои сиҳҳати намоз рӯй ба қибла ё ба ҷиҳати он овардани намозгузор аст. Пас мебояд дар ёфтани ҷиҳати он тамоми кӯшишашро ба кор барад. Уламо дар ҳар давру замон барои ёфтан ва муайян кардани ҷиҳати қибла аз сарза-

[1] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Рони по аврат аст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, боби 12-ум. Бухорӣ онро ба ҳайси таълиқ пеш аз ҳадиси 371-ум овардааст. Сунани Абудовуд, 4014; Сунани Тирмизӣ, 2795, 2796, 2797. Тирмизӣ ҳадиси охирро ҳасан ва ғариб гуфтааст).

[2] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«(Бадани) зан (ба тамом) аврат аст. Вақте (аз хонааш) хориҷ шавад, шайтон ӯро зери назар гирад»*** (Яъне дар пайи аз роҳ задани ӯ бошад) (Сунани Тирмизӣ, 1173. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан, саҳеҳ ва ғариб гуфтааст). Вале рӯй, дастҳо ва қадамҳои зан аврат нестанд. Худованд мефармояд: **«Ва (занон) зинатҳои худро ошкор нанамоянд, магар он (мавзеи зинат)-еро, ки намоён бошад»** (Сураи Нур, 24: 31).

минҳои мухталифи исломӣ талош ва аломатҳо ва тариқи ҷустуҷӯи онро дар таълифоти худ бозгӯ кардаанд. Ҳатто баъзе коршиносони варзида барои ин кор асбоб ва васоилеро, аз қабили устурлоб, рубъ (квадрант) ва ғ., истифода кардаанд.[1] Дар кишварҳое, ки аз даврони саҳоба ва тобеин дар онҳо масҷид ё меҳробе боқӣ монда бошад, мардуми он минтақа бояд ба он самте, ки қибла дар онҳо муайян гардидааст, намоз бигузоранд ва таҳарро дар он маврид ҷоиз нест. Дар сарзаминҳое, ки чунин осоре аз саҳоба ва тобеин вуҷуд надошта, ба мисли Осиёи Миёна, уламо барои таъйини дақиқи ҷиҳати қибла тариқаҳоеро ба кор гирифтаанд.

Дар «Шарҳи Зодулфақир» овардааст: Дар бораи истиқболи қибла дар баъзе китобҳои муътамад гуфтаҳои бисёре зикр шуда, ки наздиктарини онҳо ба савоб ду қавл аст. Аввал он ки ба ғурубгоҳи офтоб дар дарозтарин рӯзҳояш (дар тобистон) ва ба ғурубгоҳи он дар кӯтоҳтарин рӯзҳояш (дар аввали зимистон) нигоҳ карда ва (он ҳар ду) муайян сохта шаванд. Сипас (уфуқи) миёни он ду ба се қисмат тақсим карда шавад, он гоҳ ду қисми онро дар тарафи рост ва як қисмашро аз тарафи чапаш бигузорад, ки он чиҳати қибла аст (яъне наздик ба ғурубгоҳи зимистонаи офтоб). Агар чунин накард ва миёни ҳар ду ғурубгоҳ намоз гузорид, ҷоиз аст ва берун аз он ду бо иттифоқ ҷоиз нест. Дар «Мунятулмусаллӣ» ба нақл аз «Амоли-л-фатово» овардааст: Ҳадди қибла дар билоди мо, яъне Самарқанд, мо байни ду ғурубгоҳ – ғурубгоҳи зимистона ва тобистона аст.

Дар биёбонҳо ва баҳрҳо барои ёфтани ҷиҳати қибла метавонанд аз ситорагон, ба мисли ситораи Қутб, истифода кунанд. Ситораи Қутб, ки ситораи хурде дар хӯшаи Банотуннаъши Суғро (Дубби Асғар) миёни Фарқадайн (Дуброродарон, бета ва гамма) ва Ҷадй воқеъ аст, қавитарин далел ва роҳнамо барои ёфтани қибла аст. Вақте намозгузор дар Ироқ рӯй ба қибла бошад, он ситора дар китфи росташ, агар дар шаҳрҳои Куфа, Бағдод ва Ҳамадон бошад, аз пушти гӯш (баробари баногӯш)-и росташ, агар дар Миср бошад, дар китфи чапаш, агар дар Яман бошад, дар рӯ ба рӯяш аз тарафи чап ва агар дар Шом бошад, дар пушташ қарор мегирад.[2] Аз он чи зикр шуд, бармеояд, ки дар сарзаминҳои Осиёи Миёна, вақте намозгузор рӯй ба қибла меистад, он аз пушти гӯши росташ каме бештар аз Куфа ва Бағдод қарор мегирад, яъне аз хатти истиво ба ҷониби чап каме зиёдтар маялон мекунад.

Барои таъйини дақиқтари ҷиҳати қибла истифода аз асбоби астрономии нав ва самтёбҳои пешрафта ҷоиз аст, чуноне дар гузашта уламо барои ин кор аз устурлоб, рубъ ва ғ. истифода мекарданд ва он чи уламо дар бораи адами эътимод ба ақволи мунаҷҷимон дар дидани ҳилоли моҳи рамазон гуфтаанд, дар ин амр эроде ба шумор намеравад, зеро вуҷуби рӯзаро шаръ дар он маврид ба дидани ҳилол вобаста кардааст.[3]

Ҷуғрофидонон метавонанд бо шинохти дақиқи тӯлу арзи ҷуғрофиёии нуқтаи ҷойгиршавии шаҳри Макка ва маҳалли будубоши шахси намозгузор ва бароварди дараҷа (градус)-и вуқӯи он ду нуқта дар арз (параллел)-и шимолӣ (дар шимоли хатти истиво) тафовути дараҷаи миёни онҳоро муайян ва самти ҷиҳати қибларо дарёбанд. Мас., нуқтаи ҷойгиршавии шаҳри Макка 21,2 дараҷа дар арзи шимолӣ ва маҳалли ҷойгиршавии шаҳри Душанбе ҳудудан дар 38,2 дараҷаи он аст, ки 17 дараҷа баландтар аз Макка ҷойгир шудааст.

АҲКОМ ВА МАСОИЛИ ҚИБЛА

Касе аз тарси дарранда ва ё ҳар чизи дигаре қодир набошад дар вақти намоз рӯяшро ба тарафи қибла намояд, ба ҳар тарафе, ки метавонад, рӯй оварда, намозашро адо намояд.

Агар тарафи қибла барояш маълум набошад ва касеро ҳам пайдо накунад, ки аз ӯ қибларо бипурсад, дар ин сурат бояд таҳарро намояд.

[1] Соли 1989 дар шаҳри Лондон дар ауксиони озод абзор ё қибланамои пешрафтае ба музояда гузошта шуд, ки хидмати таърихиаш соли 1100 м. арзёбӣ шудааст. Дар он харитаи ҷаҳони ислом аз Чин то Андалус (Испания) кашида шуда, нуқтаи ҷойгиршавии 150 шаҳри исломӣ нишон дода шудааст ва барои суҳулати ҷустуҷӯ бо ҷадвали устурлоб муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар поёни он самтёби мағнотисӣ (компас) ва дар миёнааш харитаи шаҳри Макка ҷой дода шудааст. Масофаи байни он шаҳрҳо то Макка ва самти қиблаи онҳо низ бар пояи тӯлу арзи ҷуғрофӣ дар он бо диққат муайян гардидааст (Ҳамроҳи рӯза. Аз худи муаллиф. – Д., 2015).

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 138–139.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 139.

Таҳарро он аст, ки барои дарёфти ҷиҳати қибла кӯшишу диққат ба харҷ диҳад, то гумонаш ба ҷиҳате ғолиб гардад ва дилаш ба тарафе гувоҳӣ диҳад. Пас аз он рӯ ба ҳамон сӯ ниҳода, намозашро адо намояд ва агар баъд аз адои намоз дарёбад, ки ҷиҳати намози гузоридааш ба сӯи қибла набудааст, намозашро иъода намекунад (яъне намозашро аз сар намехонад).

Касе, ки ҷиҳати қибла барояш маълум нест, агар бе таҳарро намозашро бихонад, намозаш дуруст намешавад. Аз ин рӯ, бояд намозашро иъода намояд, агарчи баъдан маълум гардад, ки намозашро рӯ ба сӯи қибла адо намудааст. Ҳамчунин, агар касе пайдо мешуд, ки тарафи қибларо аз вай бипурсад, вале шарм намуда, аз вай напурсиду намозашро хонд, намозаш ҷоиз нест.

Агар дар аснои намоз барои намозгузор пас аз таҳарро маълум шавад, ки ҷиҳате, ки рӯ ба он намоз мехонад, қибла нест ва ё ба гумони ӯ ғолиб гардад, ки қибла дар ҷиҳати дигар аст, дарҳол бояд ба он тараф баргашта, намозашро идома диҳад ва лозим нест, ки намозашро аз сар хонад. Агар ҳамон тавр барногашта истод, намозаш ҷоиз нест.

Агар касе дар дохили хонаи Каъба намоз хонад, ҳар намозе, ки бигузорад ва ба ҳар тарафе, ки рӯй оварад, ҷоиз аст.

Фасли чаҳорум

ФАРЗҲОИ НАМОЗ

Фарзҳои намоз, ки ба онҳо рукнҳои намоз низ гуфта мешавад, иборатанд аз:

1. Такбири таҳрима (бо гуфтани *«Аллоҳу акбар»* ба намоз дохил шудан).[1]

2. Қиём (истодан).[2]

3. Қироат кардан, яъне Қуръон хондан дар ду ракъати намози фарз ва низ дар тамоми ракъатҳои витр ва намозҳои нафл (суннат ва мустаҳаб). Камтарин миқдоре, ки фарзи қироат ба ҷой меояд, хондани як ояти дароз ва ё се ояти кӯтоҳ аст.[3]

4. Рукӯъ.

5. Суҷуд.[4]

6. Қаъдаи ахир ба миқдори хондани ташаҳҳуд.[5]

Шаши дигар дар андаруни намоз,
Фарз гиру намоз кун баниёз!

Он қиёму қироат асту рукӯъ,
Қаъдаи охирин, саҷда хузӯъ.[6]

Пас бурун омадан фариза шинос,
Аз намоз, эй мадори ақлу қиёс![7]

Ба ҷой овардани фарзҳои мазкур барои намозгузор ҳатмӣ аст. Бинобар ин, агар яке аз онҳоро, хоҳ қасдан, ё аз рӯи фаромӯшӣ, тарк намояд, намозаш саҳеҳ набуда ва бояд онро аз сар бихонад. Тарк кардани фарз ба воситаи саҷдаи саҳв ҷуброн ва ислоҳ намешавад.

ВОҶИБОТИ НАМОЗ

Баъзе аъмоли дигар дар намоз воҷиб мебо-

---

[1] Ояти 3-юми сураи Муддассир фарзияти такбири таҳримаро собит месозад, он ҷо, ки мефармояд: **«Ва Парвардигоратро ба бузургӣ ёд кун»**. Он такбир барои он такбири таҳрима номида шудааст, ки шахси намозгузор бо гуфтани он тамоми тааллуқоти дунявӣ ва кору бори зиндагиро дар муддати намоз бар худ ҳаром мегардонад. Пас бояд кӯшиш намояд, то андешаи худро низ дар ёди Худо тамаркуз бахшад.

Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Калиди (дари) намоз покист ва таҳрим (ҳаром гардонидани дунё баро)-и он такбир аст ва таҳлил (ҳалол намудани дунё дар охир)-и он бо салом додан аст»*** (Сунани Абудовуд, 61, 618; Сунани Тирмизӣ, 3; Сунани Ибни Моҷа, 275. Тирмизӣ мегӯяд: Ин ҳадис саҳеҳтарин ва беҳтарин чизест, ки дар ин боб ворид шудааст).

[2] Худованд дар ояти 238-уми сураи Бақара мефармояд*:* **«Ва барои Худо хошеъона (ва фармонбарона) қиём намоед»**.

[3] Худованд дар бораи қироат мефармояд: **«Пас (дар намозҳоятон) аз Қуръон он миқдоре, ки (бароятон) муяссар гардад, қироат намоед»** (Сураи Муддассир, 74: 20).

[4] Худованд дар бораи рукӯъ ва суҷуд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, рукӯъ ва суҷуд намоед ва Худоятонро бипарастед ва (корҳои) хайрро анҷом диҳед, то растагор гардед»** (Сураи Ҳаҷ, 22: 77).

[5] Қаъдаи ахир низ дар зимни маънои: **«Намозро барпой доред»** дохил мебошад. Зеро намоз ба таври комил вақте барпой дошта мешавад, ки то ин қаъда бе нуқсон ба ҷой оварда шавад. Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) мефармояд: *«Паёмбар (с) дастамро гирифт ва ташаҳҳудро ба ман таълим дод ва дар охир гуфт: Вақте инро гуфтӣ ё анҷом додӣ, намозатро ба ҷой овардай. Агар хоҳӣ, пас аз он метавонӣ бихезӣ ва агар хоҳӣ, метавонӣ бинишинӣ»* (Сунани Абудовуд, 970).

Аз ин ҳадис бармеояд, ки фарзҳои намоз бо қаъдаи ахир комилан ба ҷой оварда мешаванд. Чӣ тавре мебинем, рукнҳо ва ё фарзҳои намоз бо китоби Худо ва ба таври қатъӣ собит шудаанд.

[6] Дар ибораи «саҷда хузӯъ» ҳаракати изофа аз охири калимаи аввал афтодааст ва он дар асл «саҷдаи хузӯъ» аст. Калимаҳое, ки бо «ҳо»-и тахфифшуда аз «то»-и таънис тамом мешаванд, дар онҳо бозкардани изофа дар шеър ҷоиз аст.

[7] Дар бораи хуруҷи намозгузор ба феъли худаш аз намоз назди аиммаи мазҳаб ду қавл вуҷуд дорад. Назди соҳиби «Ҳидоя», оммаи машоих ва аксари муҳаққиқон он фарз аст, вале имом Кархӣ, Зайлаъӣ ва соҳиби «Дурр» фарз набудани онро қавли саҳеҳ донистаанд ва дар «Муҷтабо» омада, ки муҳаққиқон бар ин назаранд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 170, 171).

Муҷтабо шарҳест бар Мухтасари Қудурӣ дар фиқҳи ҳанафӣ таълифи Мухтор ибни Маҳмуд маъруф ба Наҷмуддини Зоҳидии Ғазминӣ (Аъломи Зириклӣ. – Ҷ. 7. – С. 193).

шанд.[1] *Воҷиботи намоз ба тартиби зеранд:*

1. Хондани сураи *«Фотиҳа» (Алҳамд)* дар ду ракъати аввали фарзҳо ва дар тамоми ракъатҳои витр ва намозҳои суннат ва нафл.

2. Замм (пайваст ва илова) намудани як сура (ва ё се оят) ба сураи *«Фотиҳа»* дар ду ракъати аввали намозҳои фарз ва дар тамоми ракъатҳои витр ва намозҳои суннат ва нафл.

3. Тақдим, яъне пеш хондани сураи «Фотиҳа» аз сурае, ки ба он зам мешавад.

4. Қаъдаи аввал ба миқдори Аттаҳиёт хондан.

5. Хондани *«ташаҳҳуд»* (Аттаҳиёт) ҳам дар қаъдаи аввал ва ҳам дар қаъдаи ахир.

6. Бо лафзи *«салом»* хориҷ шудан аз намоз.

7. Хондани дуои *«қунут»* дар намози витр.

8. Такбироти зоид дар иди Фитр ва иди Қурбон ва он се такбирӣ дар ҳар ракъат аст.

9. Таъйини қироат дар ду ракъати аввали фарзҳо.

10. Итминон ва оромиш дар аркони намоз.

11. Анҷом додани саҷдаи дуюм пас аз саҷдаи аввал, бефосила андохтан дар миёни онҳо.

12. Хестан ба сӯи ракъати сеюм ба сурати фаврӣ ва бетаъхир пас аз фориғ шудан аз хондани «Аттаҳиёт» дар қаъдаи якум.

13. Ҷаҳр (баланд) хондани имом қироатро дар намози субҳ, дар ду ракъати аввали намози шом ва хуфтан, дар намози ҷумъа, идайн, таровеҳ ва дар намози витр дар моҳи рамазон.

14. Хуфя (паст) хондани қироат дар намозҳои пешин, аср, як ракъати охири намози шом ва ду ракъати охири намози хуфтан. Шахси танҳогузор ва нафлгузори дар шаб дар баланд ва паст хондани қироат дар тамоми мавридҳое, ки баланд хонда мешавад, ихтиёр дорад.

Ҳукми воҷиботи мазкур ин аст, ки агар яке аз онҳо қасдан тарк шавад, бояд намоз аз сар гузорида шавад, вале агар аз рӯи саҳву фаромӯшӣ тарк карда шавад, ба воситаи саҷдаи саҳв мумкин аст онро ҷуброн намуд.

Бақияи амалҳои намоз, ба ғайри он чи дар боби фарзҳо ва воҷиботи намоз зикр шудааст, баъзе суннат ва баъзе дигар мустаҳаб ҳастанд.

[1] Воҷиб ба монанди фарз амали ҳатмӣ ва лозим мебошад, вале қотеъияти далеле, ки воҷиб ба он собит шудааст, ба андозаи далелҳои фарзҳо намебошад, яъне дар қатъӣ будани он шубҳае мавҷуд аст. Ба монанди далелҳое, ки ба таври заннӣ (ба ғолиби гумон) собит шудаанд, на ба сурати қатъӣ, ба мисли хабари воҳид. Ё далолати он заннӣ бошад, ба монанди калимаҳое, ки ду маъно ва ё бештар аз он доранд.

СУННАТҲОИ НАМОЗ

Суннатҳои намоз ду навъ ҳастанд: қавлӣ ва феълӣ.

Суннатҳои қавлӣ:

Суннатҳои қавлӣ он зикрҳо, дуоҳо ва калимаҳое мебошанд, ки намозгузор онҳоро дар мавқеъҳои гуногуни намоз мегӯяд.

1. *Дуои истифтоҳ* ва он дуоест, ки дар аввали намоз хонда мешавад ва ба он *сано* низ мегӯянд. (*Субҳонака-л-лоҳумма ва …*).[2]

2. *Истиоза*: *«Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим»* ва *«Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим»* гуфтан.

3. *Гуфтани омин*: Дар поёни сураи *«Фотиҳа»* шахси танҳогузор пас аз *«вала-з-золлӣн»* омин мегӯяд ва дар намози ҷамоат пас аз *«вала-з-золлӣн»* гуфтани имом дар намозҳои ҷаҳрӣ (баланд) ҳам худи имом ва ҳам намозгузорони ҳамроҳи ӯ омин мегӯянд.[3] Паст гуф-

[2] Худованд мефармояд: **«Ва (ҳамроҳ) бо ҳамди Парвардигорат, вақте қиём менамоӣ, тасбеҳ бигӯ»**.(Сураи Тур, 52: 48). Ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) вақте намозро ифтитоҳ мекард, (пас аз такбир) «Субҳонака-л-лоҳумма ва биҳамдика ва таборака-смука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрук» мегуфт»* (Сунани Абудовуд, 775, 776; Сунани Тирмизӣ, 242, 243; Сунани Насоӣ, 898, 899; Сунани Ибни Моҷа, 804, 806).

[3] Дар бораи гуфтани асли «омин» ҳадисҳои саҳеҳи зиёде ривоят шудааст. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Вақте яке аз шумо «омин» гӯяд ва фариштагон (низ) дар осмон омин гӯянд ва ин ду омин бо ҳам мувофиқ оянд, гуноҳони гузаштаи вай бахшида шаванд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 781; Сунани Насоӣ, 929).

Ҳамчунин он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Вақте имом «Ғайри-л-мағзуби ъалайҳим вала-з-золлӣн» (ва дар ривояте омин) гуфт, шумо низ омин бигӯед. Зеро омин гуфтани касе бо омин гуфтани фариштагон мувофиқ ояд, гуноҳони гузаштаи ӯ бахшида шаванд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 780, 782, 4475, 6402; Саҳеҳи Муслим, 914 (410)-72, 75; Сунани Абудовуд, 935, 936; Сунани Тирмизӣ, 250. Сунани Насоӣ, 927; Сунани Ибни Моҷа, 851, 852).

Аммо ривоятҳое, ки дар бораи баланд ва ё паст гуфтани омин ворид шудаанд, дар қувват ва сиҳҳат ба дараҷаи ривоятҳои собитсозандаи асли он намебошанд. Бинобар ин, муҳаддисон ва фақеҳони киром пас аз таҳқиқ ва баррасии тамоми ин ривоятҳо яке аз онҳоро бар дигаре тарҷеҳ додаанд. Машоих ва бузургони мазҳаби ҳанафӣ ривояти паст гуфтани оминро бар ривояти баланд гуфтани он тарҷеҳ додаанд.

Аз Воил ибни Ҷуҳр дар ин бора ду ривоят омадааст, яке аз тариқи Суфён ва дигаре аз тариқи Шуъба. Дар ривояти Суфён аз Воил ибни Ҷуҳр омадааст, ки *«Паёмбар (с)-ро шунидам, вақте «Ғайри-л-мағзуби ъалайҳим вала-з-золлӣн»-ро хонд, омин гуфт ва садояшро бо он баланд кард»*.

Дар ривояти Шуъба аз Воил ибни Ҷуҳр омадааст,

тани он (омин) низ суннат мебошад.

4. ***Такбироти интиқолот****:* такбири ба рукӯъ рафтан, ба суҷуд рафтан, аз суҷуд хестан ва ғайра

5. Дар рукӯъ ва суҷуд ҳадди ақалл се бор *«Субҳона раббия-л-ъазим»* ва *«Субҳона раббия-л-аъло»* гуфтан.[1]

6. ***«Самиъа-л-лоҳу лиман ҳамидаҳ»*** гуфтани имом вақте аз рукӯъ бармехезад ва оҳиста *«Раббано лака-л-ҳамд»* гуфтани муқтадӣ.[2] Шахси танҳогузор ҳар дуро якҷоя мегӯяд.

7. Хондани сураи *«Фотиҳа»* дар ду ракъати охири намозҳои пешин, аср, хуфтан ва дар ракъати сеюми намози шом.

8. Хондани салавотҳо (дурудҳо) бар расули Худо (с) пас аз ташаҳҳуди қаъдаи ахир.

9. Дуо кардан барои худ, пас аз хондани салавотҳо бо дуоҳои маъсура (ривоятшуда).

Суннатҳои феълӣ:

Суннатҳои феълӣ он афъол, аъмол ва ҳолатҳои маснуне мебошанд, ки намозгузор онҳоро дар намоз анҷом медиҳад.

1. Бардоштани дастҳо то баробари гӯшҳо ҳангоми такбири таҳрима.[3]

2. Ба сӯи қибла гардонидани кафи ҳар ду даст ва кафи ангуштон дар вақти такбири таҳрима.

3. Гузоштани дасти рост бар болои дасти чап ва ниҳодани онҳо дар зери ноф дар вақти қиём.[4]

ки: *«Паёмбар (с)-ро шунидам вақте «Ғайри-л-мағзуби ъалайҳим вала-з-золлӣн»-ро хонд, оминро бо садои паст гуфт»* (Тирмизӣ ҳар ду ривоятро дар Сунани худ бо рақами 248 овардааст). Ҳарчанд Тирмизӣ ривояти Суфёнро аз ривояти Шуъба саҳеҳтар гуфтааст, вале машоихи мазҳаби ҳанафӣ ривояти Шуъбаро аз ривояти Суфён саҳеҳтар медонанд ва Шуъбаро аз Суфён дар ҳифз қавитар мегӯянд.

Аз Иброҳими Нахаъӣ ривоят шудааст, ки *«Чаҳор чизро имом паст мегӯяд: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим, истиоза, омин ва раббано лака-л-ҳамд-ро»* (Мусаннафи Абдурраззоқ, 2596. Ҷ. 2. – С. 87).

Дар ривояти дигаре аз Иброҳим омадааст, ки: *«Имом панҷ чизро паст мегӯяд: Субҳонака-л-лоҳумма, истиоза, бисмиллоҳ, омин ва раббано лака-л-ҳамд-ро»* (Мусаннафи Абдурраззоқ, 2597. Ҷ. 2. – С. 87).

[1] Ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Вақте касе аз шумо рукӯъ кунад ва се бор «Субҳона раббия-л-ъазим» бигӯяд, дар ҳақиқат, рукӯъаш пурра гардидааст ва ин камтарин миқдори тасбеҳ аст ва вақте саҷда кард ва се бор «Субҳона раббия-л-аъло» гуфт, саҷдааш низ комил гардидааст ва ин камтарин миқдори тасбеҳ мебошад»*** (Сунани Абудовуд, 886. Сунани Тирмизӣ, 261. Сунани Ибни Моҷа, 890. Абудовуд ва Тирмизӣ ҳадисро мурсал гуфтаанд ва Тирмизӣ афзудааст: «Ва аҳли илм ба ҳамин амал мекунанд»).

[2] Имом танҳо *«Самиъа-л-лоҳу лиман ҳамидаҳ»* мегӯяд ва муқтадӣ низ танҳо *«Раббано лака-л-ҳамд»* мегӯяд ва ҳамин онҳоро кифоя аст. Дигар зарурате вуҷуд надорад, ки онҳо ҳар ду зикрро якҷоя бигӯянд. Ифн назари имом Абуҳанифа (рҳ) мебошад. Паёмбар (с) низ мефармояд: ***«Вақте имом «Самиъа-л-лоҳу лиман ҳамидаҳ» гуфт, шумо «Раббано ва лака-л-ҳамд» бигӯед…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 722, 733, 734; Саҳеҳи Муслим, 921 (411)-77, 930 (414)-86; Сунани Тирмизӣ, 361). Аммо назари Имомайн он аст, ки имом ҳар ду зикрро ҷамъ менамояд.

[3] Анас (рз) мефармояд: *«Расули Худо (с)-ро дидам, ки такбир гуфт ва ангуштони бузургашро то баробари гӯшҳояш бардошт. Он гоҳ ба рукӯъ рафт, то он ки тамоми пайвандҳояш қарор гирифт. Сипас такбир гуфта ба поён рафт, то он ки дастҳояш аз зонуҳояш пеш гузашт»* (Сунани Дорақутнӣ, 12. Ҷ. 1. – С. 300, 7. Ҷ. 1. – С. 345; Мустадраки Ҳоким, 822. – Ҷ. 1. – С. 349. Ҳоким иснодаи онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст).

[4] Дар бораи асли гузоштани дасти рост бар дасти чап дар қиём ривоятҳои саҳеҳе ворид шудааст. Аз Саҳл ибни Саъд ривоят шудааст, ки: *«Мардум (дар замони паёмбар (с) амр мешуданд, ки шахси намозгузор дасти рости худро дар намоз бар дасти чапаш гузорад»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 740). Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ривоят шудааст, ки: *«(Дар намоз) дасти чапамро бар болои дасти ростам гузошта будам, ки паёмбар (с) маро дид ва дасти ростамро гирифта бар рӯи дасти чапам гузошт»* (Сунани Абудовуд, 755; Сунани Насоӣ, 887; Сунани Ибни Моҷа, 811). Дар Сунани Тирмизӣ, 252 низ аз Ҳулби Тоӣ ҳадисе ба ин маъно ривоят шудааст.

Аммо пас аз он дар бораи ниҳодани дастҳо дар зери ноф ё дар болои ноф ва ё бар сари сина ривоятҳо ва ҳамин тавр зиёдоти гуногуне дар охири баъзе ривоятҳои зикршуда ворид шудааст, ки ҳеҷ кадоми онҳо дар қувват ва сиҳҳат ба андозаи ривоятҳои аввал намебошанд. Бинобар ин, муҳаддисон ва фақеҳони киром пас аз таҳқиқу баррасии дараҷаи қувват ва заъфи онҳо якеро бар дигаре тарҷеҳ додаанд. Машоихи кироми мазҳаби ҳанафӣ ва қисми зиёде аз муҳаддисон санади ривоятҳои ниҳодани дастҳо дар зери нофро саҳеҳтар ва қавитар дониста, онҳоро бар ривоятҳои дигар тарҷеҳ додаанд.

Аз Алӣ (рз) ривоят шуда, ки ***«Гузоштани дасти рост бар чап зери ноф аз суннат аст»*** (Сунани Абудовуд,756). Ин ривоятро Байҳақӣ дар Маърифату-л-осори ва-с-сунан (Ҷ. 2. – С. 339-341) ва Нававӣ дар Хулосату-л-аҳком (Ҷ. 1. – С. 358, 359) ба сабаби вуҷуди Абдурраҳмон ибни Исҳоқ дар санадаш заъиф гуфтаанд. Абдурраҳмон ибни Исҳоқро баъзе муҳаддисон ба сабаби суи ҳифзаш заъиф донистаанд ва баъзе тавсиқ кардаанд. Аз ҷумла имом Аҳмад, Ибни Ҷунайд, Усмони Доримӣ, Насоӣ, Ибни Хузайма ва ғ.-и инҳо ӯро солеҳ ва сиқа донистаанд (Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Таҳзибу-т-таҳзиб. - Ҷ. 2. – С.487, 488. – Бейрут, 2001). Ба ҳар сурат вай аз Муаммал ибни Исмоил заъифтар нест.

Аз Воил ибни Ҳучр (рз) низ ривоят шудааст: *«Паёмбар (с)-ро дидам, ки дар намоз дасти росташро бар дасти чапаш дар зери ноф мегузошт»* (Мусаннафи Ибни Абушшайба, 3955. Ҷ. 2. – С. 334). Дар «Осору-с-сунан»

4. Кушода гузоштани миёни ҳар ду пои худ дар

исноди онро саҳеҳ гуфтааст. (Осору-с-сунан. – С. 77). Ҳамин тавр, дар «Мусаннафи Ибни Абушайба» ду ривояти дигар низ омадааст, ки паёмбар (с) дастҳояшро дар намоз дар зери ноф мегузошт (7, 10. Ҷ. 1. – С. 427). Дар «Осору-с-сунан» исноди ҳадиси аввалро ҳасан ва исноди ҳадиси дуюмро саҳеҳ гуфтааст (Осору-с-сунан. – С. 78). Муҳаммад ибни Алии Нимавӣ, Осору-с-сунан. – Мултон. Минбаъд: Осору-с-сунан.

Ба гуфтаи устод Муҳаммадтақии Усмонӣ дар Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ (Ҷ. 2. – С. 24) ибораи «таҳта-с-суррати» – зери ноф (дар ривояти Воил) дар Мусаннафи Ибни Абушшайба нусхаи чопии мавҷуд дар назди ӯ (Ҳайдарободи Дакан – Ҳинд) вуҷуд надошта, вале ба гуфтаи Нимавӣ он дар бисёре аз нусхаҳои хаттие, ки вай ба онҳо дастрасӣ дошта, мавҷуд будааст. Дар матни нусхаи чопии мавҷуд дар назди банда (А. Боқизода) нусхаи асл (Мактабату-р-Рушд, Риёз, 2006) низ ибораи зери ноф наомадааст, вале дар нусхаи дигари асл, ки дар поварақӣ бо ҳарфи (م) ба он ишора шудааст, мавҷуд будааст (Мусаннафи Ибни Абушшайба. – Ҷ. 2. – С. 334).

Нусхаи (م) дар осорхонаи Тобқабусарой (султон Аҳмади Сеюм) дар Истамбул бо рақамҳои 2566 ва 2567 ва дар китобхонаи Маҳмудия дар Мадина низ нигаҳдорӣ мешавад. (Мусаннафи Ибни Абушшайба. – Ҷ. 1. – С. 367-369).

Аз Воил ибни Ҳучр (рз) ривояти ниҳодани дасти рост бар чап аз роҳҳо ва ровиёни гуногун ва дар матнҳои мухталифи ҳадисӣ аз расули Худо (с) ривоят шудааст, ки дар ҳеҷ кадоми онҳо ба ҷои гузоштани дастҳо: зери ноф, болои ноф ва ё бар сари сина ишора нашудааст, ҷуз дар Саҳеҳи Ибни Хузайма (479. – Ҷ. 1. – С. 243), ки дар он аз тариқи Муаммал ибни Исмоил ривоят шуда ва дар он ибораи (зоиди) бар синааш (ало садриҳи) низ омадааст. Муаммал ибни Исмоил назди аксари асҳоби ҷарҳу таъдил дар илми ҳадисшиносӣ ба суи ҳифз ва заъф нисбат дода шуда ва Бухорӣ ӯро мункарулҳадис гуфтааст. Муҳаққиқи Саҳеҳи Ибни Хузайма Аъзамӣ санади ин ривоятро заъиф гуфтааст ва дар Насбу-р-роя (Ҷ. 1. – С. 314-318) ва Эълоу-с-сунан (Ҷ. 2. – С. 683-985) низ онро ба сабаби вуҷуди Муаммал дар санадаш заъиф гуфтаанд.

Бинобар ин, аз бузургони садри ислом ва пешвоёни мазоҳиби аҳли суннат назароти мухталифе дар ин бора ривоят шудааст. Агар дар назди аиммаи ҳанафӣ зери ноф гузоштани дастҳо дар қиём қавли муттафақ бошад, дар назди имом Молик (рҳ) бинобар ривояти машҳур ва қавли маъмул дар мазҳаб ирсол – ба қад рост гирифтани дастҳо дар қиём пазируфта шудааст. Дар назди имом Шофеъӣ (рҳ) бинобар қавли машҳур дар мазҳаб дастҳо аз ноф боло дар зери сина ва ба қавли дигаре рӯи сина гузошта мешаванд ва дар назди имом Аҳмад (рҳ) дар ривояти машҳур зери ноф ба мисли машоихи ҳанафӣ ва дар ривояте зери сина гузошта мешаванд.

Вақте санади ҳамаи ривоятҳо дар ҷои гузоштани дастҳо дар қиём дорои заъфи нисбие буда, аҳли илм барои таъйиди назароти фиққӣ ва мавқеи амалии хеш дар ин масъала ба шавоҳиди дигаре аз осори саҳоба ва тобеин низ тамассук ҷустаанд, ки онҳо низ мухталиф ҳастанд. Аз Абуҳурайра (рз), Анас (рз), Абумиҷлаз (рз) ва дигарон ривоят шуда, ки дастҳояшонро дар қиём вақти қиём. Бояд фосилаи миёни қадамҳояш дар ҳолати қиём ба андозае бошад, ки тавозуни худро ҳифз намояд. Барои ҳамин фақеҳони киром фосилаи қадамҳоро дар ҳолати қиём барои шахси одӣ ва миёна ба миқдори чаҳор ангушти даст ихтиёр намудаанд ва барои одамони бузургҷусса ва фарбеҳ ба ҳар андоза, ки ба тавозуни онҳо муносиб бошад, ҷоиз аст.[1]

зери ноф мегузоштанд. Назари Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз), Ҳасани Басрӣ (рҳ), Иброҳими Нахаъӣ (рҳ), Саъид ибни Мусайяб (рҳ) ва Ибни Ҷубайр (рҳ) бар ирсоли дастҳо будааст (Мусаннафи Ибни Абушшайба. – Ҷ. 2. – С. 333-336; Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. – Ҷ. 2. – С. 20-24).

Бузургон ва аиммаи мазоҳиби фиққӣ ва аксари муҳаддисон бо баррасии аҳодиси гуногуни боб роҳи тарҷеҳро пеш гирифтаанд ва назароти фиққии дигаронро тақбеҳ ва радди номуносиб накардаанд. Аммо пас аз давраи зуҳури таассуби мазҳабӣ дар байни пайравони онҳо муҳаққиқон танҳо ривояти мавриди эътимоди худро саҳеҳ ва аҳодиси мавриди эътимоди дигаронро заъиф ва ғайри мақбул донистаанд. Аз ҷумла Ибни Қаййими Ҷавзӣ дар «Эълому-л-муваққиъин» (Ҷ. 3. – С. 9, масъалаи 62) ва дар «Бадоеъу-л-фавоид» (Ҷ. 3. – С. 93, 94) ривояти Алӣ (рз)-ро дар бораи гузоштани дастҳо зери ноф саҳеҳ ва ривояти Муаммал аз Воилро дар ин бора заъиф донистааст, зеро бузургони мазҳаби ҳанбалӣ гузоштани дастҳо ба зери нофро роҷеҳ ва ба болои онро ҷоиз медонанд. Байҳақӣ ва Нававӣ, ҳамон гуна ки пештар зикр гардид, дар «Маърифату-л-осори ва-с-сунан» (Ҷ. 2. – С. 339-341) ва «Хулосату-л-аҳком» (Ҷ. 1. – С. 358, 359) дар таъйиди мазҳаби шофеъӣ акси онро анҷом додаанд. Муборакфурӣ дар «Туҳфаи Аҳвазӣ» (Ҷ. 2. – С. 94-104) бо пайравӣ аз мактаби салафияти Ҳинд ва дар эътироз ба ҳанафиён он ҷо ривояти Муаммал аз Воил ибни Ҳучрро бо зиёдати: «ало садриҳи» ҳамроҳ бо шавоҳидаш саҳеҳ ва ривояти Абдурраҳмон ибни Исҳоқ аз Алӣ (рз) «таҳта-с-суррати»-ро ҳамроҳ бо шавоҳидаш бо шиддат заъиф донистааст, дар ҳоле ки вай аз назари ҳадисшиносӣ хуб медонад, ки ривояти Абдурраҳмон аз ривояти Муаммал заъифтар нест.

Имом Тирмизӣ пас аз ривояти Ҳулби Тоӣ бо баррасӣ ва муқоисаи тамоми ривоятҳо ва осори собитшуда дар ин боб равиши миёнаро пеш гирифта, беҳтарин хулосаро гуфтааст: Баъзе аҳли илм бар ин назаранд, ки дастонро болои ноф ва баъзе дигар бар инанд, ки онҳоро зери ноф гузоранд ва доираи амал барои ин ҳама назди онҳо васеъ аст. Яъне ҳар ду вачҳ ҷоиз аст ва ҳеҷ ишколе надорад.

[1] Дар ҳошияи «Таҳтовӣ» бар «Дур» омадааст: «Ва наздиктарин вазъи намозгузор ба ҳолати хушуъ ин аст, ки фосилаи миёни қадамҳояш дар рукӯъ ба андозаи чаҳор ангушти даст бошад» (Абусуъуд аз Ҳамавӣ). Мегӯям: Ин миқдор дар одами фарбеҳ ва соҳибудра (грижадор) хуб зоҳир намешавад, балки беҳтар он аст, ки миқдори он ба таври мутлақ ва ба одати мардум вогузор гардад. Агар миқдори он маҳдуд дониста шавад, пас бояд гуфта шавад, ки ҳолати зарурат истисно мебошад (1/202).

Дар «Саҳеҳи Бухорӣ» дар боби «Часпонидани китф ба китф ва по ба по дар саф» аз Анас (рз) пас аз зикри рост намудани сафҳо ривоят шудааст, ки *«Ҳар яке аз мо кит-*

5. Доштани ҳар ду зонуи худ ба ҳар ду даст дар вақти рукӯъ ва кушода гузоштани ангуштони даст дар он ҳолат.

6. Ҳамвор намудани пушт ва сарро бо он баробар сохтан дар вақти рукӯъ.

7. Дур доштани дастҳо аз паҳлӯҳо дар ҳолати рукӯъ.

8. Ҳангоми ба саҷда рафтан аввал ҳар ду зону, сипас ҳар ду даст ва баъд аз он пешонии худро ба замин бигузорад ва вақти аз саҷда хестан аввал пешонӣ, сипас ҳар ду даст ва дар охир ҳар ду зонуи худро аз замин бардорад.

9. Дар вақти саҷда рӯи худро дар миёни кафҳои ҳар ду дасташ бигузорад. Ҳар ду оринҷашро (бозуяшро) аз паҳлӯҳояш ва ҳар ду соидашро (банди дастҳояшро) аз замин дур бидорад.

10. Дар вақти саҷда ангуштони дастҳояшро бо ҳам часпида бидорад. Ва ангуштони ҳар ду пояшро ба сӯи қибла гардонад.

11. Дар миёни ҳар ду саҷда вақте ором мегирад, дастҳои худро бар рӯи ронҳояш бигузорад.

12. Дар ҳолати нишастан дар қаъдаи ҳам аввал ва ҳам ахир пои чапашро фарш (паҳн) намуда, пои росташро истода гузорад.

13. Бо ангушти мусаббиҳа (ишора) дар ташаҳҳуд ишора намояд. Ҳангоми гуфтани *«ло илоҳа»* онро бардорад ва дар *«иллаллоҳ»* поён фарорад.

14. Салом доданро аз тарафи рост оғоз намояд ва овози худро дар саломи тарафи чап каме пасттар намояд.

15. Саломи муқтадӣ бо саломи имомаш пайваста бошад.

16. Масбуқ, пас аз салом додани имом ба ҳар ду тараф, барои хондани ракъатҳои боқимондааш бархезад.

ОДОБИ НАМОЗ

Бархе одоби намоз иборатанд аз:

1. Берун кардани дастҳо аз остинҳо дар аснои гуфтани такбир (барои мардон).

2. Нигоҳи намозгузор бояд ҳангоми қиём ба саҷдагоҳаш ва дар аснои рукӯъ ба пушти пойҳояш ва вақти суҷуд ба нармии биниаш ва дар вақти нишастан ба синааш ва ҳамчунин вақти салом додан ба шонаҳо – китфҳояш бошад.

3. Дар сурати имкон сурфа (сулфа)-ашро дафъ намояд.

4. Доштани даҳонаш ҳангоми даҳонвоза бо фишурдани лаби поён ба дандон ва агар нотавонист, пӯшонидани он бо пушти дасти росташ дар қиём ва бо дасти чапаш дар дигар ҳолатҳо ва ё бо остинаш.

Одоб дар намоз ба он чизе гуфта мешавад, ки расули Худо (с) онро як ё ду бор анҷом дода бар он мувозабат наварзидааст, мисли аз се бор зиёд гуфтани тасбеҳоти рукӯъ ва суҷуд. Риоя ва ба ҷой овардани амали одоб хуб ва аз ҷумлаи одоб аст, вале тарки он на дар намоз ва на дар беруни он мӯҷиби бадӣ ва итобе намегардад. Амалҳои одоб ҳам ба сурати ибодатҳо ва амалҳои қурбат ва ҳам дар дигар бахшҳои зиндагӣ бисёранд, ба монанди суннатҳои завоид, рафтор, тарзи либоспӯшӣ, нишасту бархост ва дигар сифатҳои хосси паёмбари акрам (с).

ТАФОВУТҲОИ НАМОЗИ ЗАН АЗ НАМОЗИ МАРД

Намози зану мард дар тамоми сифатҳо ва тариқаи гузоридан як хел аст ва танҳо дар баъзе мавридҳои ҷузъӣ, ки ба занон хос мебошанд, аз ҳам фарқ мекунанд ва иборатанд аз:

1. Зан дар вақти такбири таҳрима дастҳояшро аз остинҳояш берун намекунад.

2. Дар такбири таҳрима дастҳояшро то баробари китфҳояш мебардорад.

3. Дастҳои худро дар вақти қиём бар синаи худ мегузорад.

4. Дар вақти рукӯъ танҳо дастҳояшро бар зонуҳояш мегузорад ва ангуштонашро кушода намесозад.

5. Дар рукӯъ худро андаке хам менамояд, то ба ҳадди рукӯъ бирасад, вале ҳамвор намудани пушт ва баробар сохтани сар бо пушт барои ӯ (зан) зарурат надорад.

6. Дар рукӯъ бозуҳояшро ба ронҳояш мечаспонад.

7. Дар саҷда шикамашро ба ронҳояш мечаспонад.

8. Дар ҳар ду қаъда бар рони чапаш менишинад, яъне ҳар ду пояшро ба тарафи росташ берун бароварда, соқи пои росташро бар болои пои чапаш мегузорад ва бар замин менишинад.

9. Дар саҷда соидҳо (банди дастҳо)-яшро бар замин мегузорад.

10. Дар намозҳои ҷаҳрӣ (баланд) Қуръонро баланд намехонад.

фашро ба китф ва пояшро ба пои бародараш (дар саф) мечаспонд» (Саҳеҳи Бухорӣ, 725).

Фасли панҷум

ТАРЗИ ГУЗОРИДАНИ НАМОЗ

1. Намозгузор, вақте мехоҳад намоз хонад, ангуштони бузурги худро баробари гӯшҳояш бардошта ва дар ҳоле ки дохили кафҳояш ба сӯи қибла ҳастанд, такбири таҳрима: *«Аллоҳу акбар»* (اللهُ أَكْبَرُ) бигӯяд. Дар такбири таҳрима набояд дар ҳамзаи *«Аллоҳ»* (اللهُ) ва низ «бо»-и *«акбар»* (أَكْبَرُ) мад кашад.

Зан ҳангоми такбири таҳрима дастҳояшро то баробари шонаҳояш (китфҳо) баланд мекунад.

2. Дасти росташро ба болои дасти чап қарор дода, ба зери ноф мениҳад ва сано мехонад.

Сано чунин аст:

سُبْحانك اللّهمَّ وَبِحَمْدِكَ وَتَبارَكَ اسْمُكَ وَتَعالى جَدُّكَ وَلا إلهَ غَيْرُك

«Субҳонака-л-лоҳумма ва би ҳамдика ва таборака-смука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрука».

«Парвардигоро, Туро ба покӣ ва ситоиш ёд мекунам ва поку бобаракат аст номи Ту ва бисёр олӣ аст бузургии Ту ва нест худое ғайр аз Ту».

Зан кафи дасти росташро болои кафи дасти чап қарор дода, бар синаи худ мениҳад. Ҳар қиёме, ки дар он зикри маснун (дуо ва қироате, ки аз ҷониби шаръ муқаррар гардидааст) вуҷуд дошта бошад, гузоштани дасти рост болои дасти чап дар он суннат аст.

3. Баъд аз сано бефосила *«Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим»* ва пас аз он *«Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим»*-ро барои қироат бихонад.

Муқтадӣ *«Аъузу биллоҳ» ва «Бисмиллоҳ»*-ро намехонад.

Сано, Аъузу биллоҳ ва *Бисмиллоҳ* хуфя ва паст хонда мешаванд.

«Бисмиллоҳ» дар байни сураи *«Фотиҳа»* ва сураи замгардида хонда намешавад, балки ҳамон *«Бисмиллоҳ»*-и аввали сураи «Фотиҳа» ӯро кифоя мекунад.[1]

4. Баъд аз он дарҳол сураи *«Фотиҳа»*-ро қироат намуда, дар поёни он оминро хуфя (паст) гӯяд ва пас аз он як сура ё се оят қироат намояд.

5. Баъд аз қироат такбир – *«Аллоҳу акбар»* гӯён ба рукӯъ равад[2] ва дар ҳоли рукӯъ, ки

---

[1] Вале зоҳир ин аст, ки гуфтани он пас аз сураи **«Фотиҳа»**, яъне дар ибтидои сураи баъдӣ низ беҳтар мебошад, зеро **«Бисмиллоҳ»** аслан барои муайян намудани фосила ва ҷудоии байни сураҳо мебошад. Соҳиби Дурр мефармояд: гуфтани **«Бисмиллоҳ»** дар байни Фотиҳа ва сура (-е, ки баъд аз он дар намоз хонда мешавад) мутлақо суннат нест ва бо иттифоқ (-и машоих) макрӯҳ ҳам нест. Соҳиби Радд дар шарҳи он овардааст: Барои ҳамин дар Захира ва Муҷтабо бо сароҳат гуфта шуда, ки агар дар байни Фотиҳа ва сураи хондашуда, хуфя бошад ё ҷаҳр, **«Бисмиллоҳ»** гӯяд, назди Абуҳанифа ҳасан аст. Ва муҳаққиқ Ибни Ҳумом ва шогирдаш Ҳалабӣ аз ҷиҳати шубҳаи ихтилоф дар ин ки он ояте аз ҳар сура бошад, ин қавлро тарҷеҳ додаанд. Дар Мусаффо овардааст, фатво ба қавли Абуюсуф (рҳ) аст, ки дар аввали ҳар ракъат хуфя **«Бисмиллоҳ»** мегӯяд ва дар Муҳит овардааст, ки мухтор (ихтиёршуда барои амал) қавли Муҳаммад (рҳ) аст, ки пеш аз Фотиҳа ва пеш аз ҳар сура дар ҳар ракъат **«Бисмиллоҳ»** мегӯяд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 235).

[2] Дар ҳолати ба рукӯъ рафтан дигар дастҳояшро баробари гӯшҳо ва ё китфҳояш намебардорад. Ин амал, яъне бардоштани дастҳо дар вақти ба рукӯъ рафтан ва аз он бархестанро дар истилоҳи фақеҳон ва муҳаддисон *«рафъи ядайн»* мегӯянд.

Дар ривоятҳо ҳам бардоштани дастҳо дар ин ҳолатҳо ва ҳам набардоштани онҳо ҳар ду ба таври саҳеҳ ворид шудаанд. Аз ҷумла Абдуллоҳ ибни Умар (рз) мефармояд: *«Расули Худо (с)-ро дидам, ки вақте ба намоз мехест, дастҳояшро то баробари китфҳояш мебардошт ва ин (рафъи ядайн)-ро вақте барои рукӯъ такбир мегуфт ва вақте аз рукӯъ бармехест, низ анҷом медод ..., вале онро дар саҷда намекард»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 735, 736, 738, 739; Сунани Абудовуд, 741; Сунани Насоӣ, 875, 876, 877). Ривоятҳои дигаре низ дар ин бора ворид шудааст.

Ҳамин тавр, дар бораи набардоштани дастҳо низ ривоятҳои саҳеҳе аз паёмбар (с) ворид шудааст. Аз ҷумла Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) мефармояд: *«Оё намози*

дастҳояшро бар зонуҳояш мегузорад, ангуштонашро кушода ва соқҳои пояшро рост намуда ва пушту камар ва сарашро бо якдигар баробар созад ва се маротиба тасбеҳ, яъне: سُبْحَانَ رَبِّيَ الْعَظِيمِ **«Субҳона раббия-л-ъазим»** *«Парвардигори бузургамро ба покӣ ёд мекунам»* бигӯяд.

Зан дар рукӯъ ангуштони дасташро намекушояд ва лозим нест пушту камар ва сарашро бо якдигар баробар созад, балки андаке хам шавад, кифоят мекунад ва ҳамчунин, оринҷҳояшро ба бағали худ бичаспонад.

6. Пас аз он: سَمِعَ اللهُ لِمَنْ حَمِدَه **«Самиъа-л-лоҳу лиман ҳамидаҳ»** (Худованд ситоиши ситоишкунандаро мешунавад) гӯён сарашро аз рукӯъ бардошта, рост биистад ва дар сурате ки мунфарид (танҳогузор) бошад, رَبَّنَا لَكَ الْحَمْدُ **«Раббано лака-л-ҳамд»** *(Парвардигоро, шукр танҳо барои Туст)* бигӯяд.

Вале дар намози ҷамоат имом ба гуфтани **«Самиъа-л-лоҳу лиман ҳамидаҳ»** ва муқтадӣ ба **«Раббано лака-л-ҳамд»** иктифо менамоянд.

7. Сипас такбиргӯён ба саҷда биравад, ба ин тариқ ки аввал зонуҳо, баъд дастҳо ва сипас рӯи хешро ба замин ниҳода, бо пешонӣ ва бинӣ саҷда намояд.

Дар саҷда ангуштони дастҳои худро ба ҳам ҷамъ намояд, шикамашро аз зонуҳояш, бозуҳояшро аз шикамаш ва соид (банд)-и дастонашро аз замин дур нигоҳ дорад ва ангуштони пойҳояшро ба тарафи қибла гардонида, се бор: سُبْحَانَ رَبِّيَ الْأَعْلَى **«Субҳона раббия-л-аъло»** *(Ба покӣ ёд мекунам Парвардигори бартари худро)* гӯяд.

Зан дар аснои саҷда шикамашро ба ронҳои худ часпонида, оринҷҳои худро ба замин бигузорад.

Саҷда бар чизҳое дуруст аст, ки пешонӣ дар онҳо қарор гирифта, дар сурати фишор додан поён нараванд.

Намозгузор ҳангоми издиҳом метавонад бар пушти намозгузори дигаре, ки пеш аз ӯ қарор дорад, саҷда намояд, ба шарте ки ҳар ду дар ҳолати хондани як намоз бошанд.

8. Сипас такбир гуфта сарашро аз замин бардорад ва дастҳои худро болои ронҳояш гузошта, ором бинишинад. Баъд аз он такбир гуфта дубора ба саҷда рафта, ором бигирад ва се маротиба *«Субҳона раббия-л-аъло»* бигӯяд.

9. Сипас такбиргӯён сарашро аз саҷда бардошта, бидуни нишастан ва ниҳодани дастҳо бар замин, бо такя бар пойҳояш барои ракъати дуюм бархезад. Ҳангоми бархостан аввал сар, баъд дастҳо ва сипас зонуҳояшро баланд намояд.

10. Ракъати дуюм ҳам монанди ракъати аввал мебошад. Танҳо ин ки дар ракъати дуюм дастҳояшро баланд намекунад ва *сано* (дуо) ва *Аъузу биллоҳ* низ дар он вуҷуд надорад.

11. Ҳар гоҳ аз саҷдаи дуюми ракъати дуюм фориғ гардад, барои қаъда бинишинад. Дар *қаъда* пои чапашро бар замин ҳамвор намуда, ба болои он менишинад ва пои росташро дар ҳоле ки ангуштони он ба сӯи қибла қарор дода шудаанд, рост менамояд ва дастонашро дар ҳоле ки ангуштони дастҳояш кушода ва ба тарафи қибла ҳастанд, бар болои ронҳояш мениҳад ва сипас *ташаҳҳуд (Аттаҳийёт)*-ро мехонад. ***Матни ташаҳҳуди Ибни Масъуд (рз) ба ин тартиб аст:***

أَيُّهَا النَّبِيُّ وَرَحْمَةُ اللهِ وَبَرَكَاتُهُ، اَلسَّلَامُ عَلَيْنَا وَعَلَى عِبَادِ
اللهِ الصَّالِحِينَ، أَشْهَدُ أَن لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَأَشْهَدُ
أَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ.

«Ат-таҳийёту лиллоҳи ва-с-салавоту ва-т-таййибот. Ас-салому ъалайка айюҳан-набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ас-салому ъалайно ва ъало ъибодиллоҳи-с-солиҳина. Ашҳаду ан-ло илоҳа илла-л-лоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ».[1]

расули Худо (с)-ро бароятон бигузорам? Пас намоз гузошт ва дастҳояшро, ба ҷуз дар навбати аввал, (яъне дар вақти такбири таҳрима), дигар набардошт» (Сунани Абудовуд, 748; Сунани Тирмизӣ, 257; Сунани Насоӣ, 1025. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан гуфтааст).

Аз Баро ибни Озиб (рз) низ ривоят шудааст: *«Расули Худо (с) дастҳояшро танҳо дар ибтидои намоз мебардошт ва онҳоро (дигар то охир) намебардошт»* (Сунани Абудовуд, 749, 750, 751). Машоихи киром ва пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ набардоштани дастҳоро дар ғайри такбири таҳрима тарҷеҳ додаанд.

[1] Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ривоят шудааст, ки *«Вақте аз пушти паёмбар (с) намоз мехондем, (ба ҷои ташаҳҳуд): Салом бар Худо аз ҷониби бандагонаш, салом бар Ҷабраил ва Микоил ва салом бар фалон ва фалон мегуфтем. Паёмбар (с) ба мо гуфт: Нагӯед: Салом бар Худо, зеро Худо худ (сарчашмаи) салом аст, валекин бигӯед: «Аттаҳийёту лиллоҳи…». Он гоҳ беҳтарин*

«Дуруду саломҳо, дуову таҳсинҳои беполён ва тамоми покиҳо барои Худо бод. Дуову дуруд ва раҳмату баракоти Худо нисори ту бод, эй паёмбар! Дуову дуруд бар мо ва бар бандагони некӯкори Худо. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ худое, ғайри Аллоҳ вуҷуд надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад бандаи Худо ва расули (фиристодаи) Ӯст».[1]

Зан дар қаъда болои рони чапи худ пойҳояшро ба ҷониби рост берун кашида, менишинад.

Вақте ба калимаи шаҳодат расид, сари ангушти миёнаи дасти росташро болои ангушти бузургаш (ибҳом) гузошта, онҳоро ҳалқа бидорад, сипас ангушти саббоҳаашро ҳангоми гуфтани *«Ло илоҳа»* бардорад ва ҳамин ки ба *«иллаллоҳу»* расид, онро бифарорад. Ин ишораи *саббоҳа* (тасбеҳ ва зикр) гуфта мешавад, ки бо чашмпӯшӣ аз маъноях ба он саббоба гӯянд.[2] Ишораи *саббоҳа* суннат аст, камо фӣ «Радд».[3]

дуоро интихоб ва бо он барои худ дуо намоед» (Саҳеҳи Бухорӣ, 831, 835, 1202, 6230, 6265, 6328, 7381; Саҳеҳи Муслим, 898 (402)-55; Сунани Абудовуд, 968; Сунани Тирмизӣ, 289; Сунани Насоӣ, 1164, 1168, 1169, 1276, 1278, 1297; Сунани Ибни Моҷа, 899).

Дар баъзе аз ин ривоятҳо Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) мефармояд: *«Паёмбар (с) ташаҳҳудро ба монанди сурае аз Қуръон ба мо таълим медод»*.

[1] Ташаҳҳуд – ба маънои шаҳодат ва гувоҳӣ додан аст. Чун дар охири «Аттаҳийёт» калимаи шаҳодатайн омадааст, онро ташаҳҳуд мегӯянд.

[2] Саббоба – ба маънои бисёр дашномдиҳанда мебошад. Мардум одатан вақте ба касе дашном медоданд, бо ангушти худ ба сӯяш ишора мекарданд. Бинобар ин, он ангушт дар забони арабӣ бо номи ангушти «саббоба» (дашномдиҳӣ) машҳур гардидааст.

Дар урфи шаръӣ ва дар аксари матнҳои динӣ онро ангушти шаҳодат, ишорат, саббоҳа ва мусаббиҳа мегӯянд, зеро бо ишора ба он ангушт ба ягонагӣ ва тавҳиди Худованд шаҳодат медиҳанд ва бо он зикри Худоро менамоянд, ҳарчанд дар баъзе ривоятҳо ва матнҳо бар асоси урфи роиҷи аҳли луғат ба он саббоба низ гуфта шудааст.

[3] Дар бораи ишораи саббоҳа ривоятҳои зиёде аз паёмбар (с) ворид гардидааст. Аз ҷумла, дар Саҳеҳи Муслим дар ин бора бобе бо номи «Сифати нишастан дар намоз ва тарзи гузоштани дастҳо бар ронҳо» омадааст ва дар он шаш ҳадис дар бораи ишораи саббоҳа ба тартиби зерин: 1307 (579)-112, 1308 (579)-113, 1309 (580)-114, 1310 (580)-115, 1311 (580)-116, 1312 (580) зикр гардидааст. Дар Сунани Абудовуд низ боби махсусе бо номи «Ишора дар ташаҳҳуд» омадааст ва дар он илова бар ҳадиси 957-ум панҷ ҳадиси дигар зикр гардидааст: 987, 988, 989, 990, 991. Дар Саҳеҳи Сунани Абудовуд, 851, дар Сунани Тирмизӣ, 293, 294, дар Сунани Насоӣ, 1159, 1160, 1266-1269, 1271, 1274, дар Сунани Ибни Моҷа, 911, 912, 913, дар Муснади имом Аҳмад, 15439, дар Сунани Куброи Байҳақӣ, 313, дар Сифати салоти Набӣ, 140, дар Муснади Аҳмад (Фатҳи раббонӣ), 731 дар Канзу-л-ъуммол, 19879, 19880 дар бораи ишораи саббоҳа ҳадисҳои мазкур омадаанд. Тамоми ин ривоятҳо ба таври қатъӣ ба исбот мерасонанд, ки паёмбар (с) дар ташаҳҳуд бо ангушти ишорааш ба тавҳиди Худо ишора мекард.

Дар суннат будани ишораи тавҳид (ишораи саббоҳа) тамоми бузургони садри ислом, пешвоёни мазоҳиб, аз ҷумла, бунёдгузорони мазҳаби ҳанафӣ – имом Абуҳанифа (рҳ) ва Имомайн: Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) ва фақеҳони мутақаддим ва аксари муҷтаҳидони мутааххир, аҳли ҳадис, фиқҳ ва дигарон иттифоқи назар доранд.

Ин мавзӯъ дар китобҳои фиқҳ, фатво ва ҳадис ба тафсил омадааст: Аз ҷумла саҳифаҳои 104-110, бахши аввал, ҷилди дуюми Эълоу-с-сунан, саҳифаҳои 112-124, ҷилди якуми Маҳмуду-л-фатово, Муҳити Бурҳонӣ, ҷилди 2, саҳифаи 127, шумораи 1389, 1390, саҳифаи 269-270-уми Мароқи-л-фалоҳ ва ҳошияи Таҳтовӣ ва ҳошияи Шарҳу-л-виқоя ба он бахшида шудааст. Ҳамчунин, дар Дурру-л-мухтор, Радду-л-муҳтор, Маҷмӯату-л-фатово, Фатовои Дору-л-улуми Девбанд ва дигар китобҳои фатво зикри он рафтааст.

Китобҳои ҳадис ва шарҳҳо: Дарси ҷомеъи Тирмизӣ (2/64), Канзу-л-ъуммол (1/939), Сунани Абудовуд, Сунани Насоӣ, Базлу-л-маҷҳуд, Маорифу-с-сунан, Ашиъъату-л-ламаъот ва ғайра суннат будани ишораи тавҳидро зикр намуда ва хилофи онро рад кардаанд.

Соҳиби Дурру-л-мухтор пас аз зикри суханони тарафи муқобил (ҷонибдорони тарки ишора) мефармояд: «Он чи ки шореҳон, ба хусус шореҳони мутааххир, ба монанди Камол, Ҳалабӣ, Баҳансӣ, Боқонӣ, Шайхулисломи Ҷад ва дигарон саҳеҳ донистаанд, мавриди эътимод мебошад. Яъне намозгузор бояд дар ташаҳҳуд ишора намояд, зеро ин аз феъли паёмбар (с) собит шудааст. Ва ин нуқтаи назарро ба имом Муҳаммад (рҳ) ва Имоми Аъзам (рҳ) мансуб донистаанд, балки дар матни Дурару-л-биҳор ва шарҳаш Ғурару-л-азкор қавл ба ишораи тавҳидро муфто биҳ дар назди мо (дар мазҳаб) гуфтааст» (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 265, 266).

Аллома Шомӣ дар Радду-л-муҳтор мефармояд: «Ва дар Муҳит омадааст, ки ишора (-и шаҳодат) суннат аст. Ҳангоми нафӣ (ло илоҳа) онро мебардорад ва вақти исбот (иллаллоҳу) мефарорад. Ва ин қавли Абуҳанифа (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) аст. Осору ахбор дар ин бора зиёд омадаанд. Пас амал ба он беҳтар мебошад. Ин бо сароҳат мавриди фатво қарор гирифтани ишораи шаҳодат бо ақд (ҷамъ кардан)-и ангуштонро мефаҳмонад».

Пас аз чанд сатри дигар мефармояд «Дар Шарҳи Кабир гуфтааст: Аз имом Муҳаммад (рҳ) дар бораи тарзи ишора ва ҳамчунин аз имом Абуюсуф (рҳ) дар китоби «Амолӣ» ривоят шудааст, ки ангуштон ҳангоми ишора ҷамъ карда шаванд» (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 265, 267).

Ибни Ҳумом дар Фатҳ пас аз зикри тариқаи ишора аз имом Муҳаммад (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) овардааст: Аз бисёри

Воил ибни Ҳучр (рз) мефармояд: *«Расули Худо (с)-ро дидам, ки ангушти бузург (ибҳом) ва миёнаашро бо ҳам ҳалқа намуда, ангуштеро, ки пеш аз миёна аст (ангушти шаҳодат), дар ҳоле ки бо он дар Аттаҳийёт дуо (ишора) мекард, бардошт».*[1]

Молик ибни Нумайри Хузоъӣ аз падараш ривоят мекунад: *«Расули Худо (с)-ро дидам, ки дар намоз дасти рости худро бар рони росташ ниҳода ва бо ангушташ ишора мекард».*[2]

Ташаҳҳуд: иқрори забонӣ ба ягонагии Худованд аст ва ишора кардан ба ангушти шаҳодат, иқрори амалӣ мебошад. Он ҳазрат (с) дар ин бора иршод мефармояд:

لَهِيَ أَشَدّ عَلَى الشَيطانِ مِن اَلْحَدِيدِ، يَعْنِى السَّبّابَةَ

«Он (ишора ба ангушти шаҳодат дар намоз) аз ҳар тезинае сахттар бар шайтон кора мекунад».[3]

Дар бораи мавзеи рафъи ангушти ишора ва ҷунбонидан ва ё наҷунбонидани он дар вақти ишора назари пешвоёни мазоҳиби фиқҳӣ чунин аст: а) назди аиммаи ҳанафӣ он ҳангоми гуфтани калимаи нафй – «ло илоҳа» бардошта мешавад[4] ва ба вақти исбот – гуфта-

машоих ривоят шудааст, ки аслан ишора намекунад ва ин бар хилофи дирояти ва ривоят аст. (Фатҳулқадир. – Ҷ. 1. – С. 321).

Вале, аз он ҷо ки дар зоҳири ривоят ва китобҳои муътабари ҳанафӣ зикри ишораи шаҳодат на ба сурати нафйи он ва на ба сурати исботи он наомадааст, баъзе аз фақеҳони мутааххир ишораро ғайри суннат донистаанд, ба монанди соҳибони Хулоса, Баззозия, Кубро, Итобия, Ғиёсия, Умдату-л-муфтӣ ва ғайра ва баъзеи онҳо ишораро ҳатто макрӯҳ ва соҳиби Фиқҳи Кайдонӣ онро бидъат ва ҳаром ҳам донистаанд ва ривоятҳои бешумореро, ки ишора бо онҳо собит гардидааст, ба эътибор нагирифтаанд.

Соҳиби Радд аллома Муҳаммадамин маъруф ба Ибни Обидин дар бораи ишораи тавҳид рисолаи мустақиле бо номи «Рафъи шубҳа дар бораи (ишораи тавҳид ва) бастани ангуштон дар вақти ташаҳҳуд» таълиф намуда, дар он назари бузургони мазҳабро дар бораи суннат будани он ба тафсил баён кардааст. Вай пас аз баёни назароти машоихи мазҳаб ва зикри ибораҳои мутун ва шарҳҳо дар ин бора мефармояд: «Хулосаи калом ин аст, ки зоҳири ривоят ба адами ишора далолат дорад, вале аз пешвоёни сегонаи мазҳаб – Абуҳанифа (рҳ), Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) ривоят шудааст, ки дар ташаҳҳуд ишора мекунад… ва мутааххирин ин ривоятро тарҷеҳ додаанд, зеро он бо ривояти собитшуда аз паёмбар (с) таъйид шудааст (Маҷмӯаи расоили Ибни Обидин. – С. 120-129).

Пас муҳим аст, ки мардум аз тариқи омӯзиши арзишҳо ва фарҳанги динӣ аз суннатҳои расули Худо (с) ва назароти фиқҳии пешвоёну сарварони мазҳаби ҳанафӣ, ки раҳмати Ҳақ нисори онон бод, огаҳ шаванд ва дараҷаи пойбандии мазҳаби ҳанафӣ ва пешвоёни онро ба ҳадиси шариф ва суннати расули Худо (с) бидонанд. Зеро бо биноию басират, бо омӯзиши илмӣ ва аз роҳи бурҳону санад мебояд мазҳаби поки ҳанафиро ҳимоят кард. Дар чунин мавридҳо ҳар гуна таассуби беасос ва ақволи бесанадро канор бояд гузошт.

Имом Муҳаммад (рҳ) пас аз ривояти ҳадиси ишораи шаҳодат мефармояд: *«Ва бисанеъи расулиллоҳи наъхузу ва ҳува қавлу Абиҳанифата (рҳ)» «Мо карда ва феъли расули Худо (с)-ро мегирем ва ин сухани имом Абуҳанифа (рҳ) аст».* Имом Муҳаммад ибни Ҳасан, Муваттаъ (С. – 67, боби: Алъабасу би-л-ҳасо). (Эълоу-с-сунан, 837. – Ҷ. 2, бахши аввад. – С. 104. Муваттаъ. – С. 67).

[1] Ибни Моҷа, 912.

[2] Сунани Абудовуд, 991; Сунани Насоӣ, 1271; Сунани Ибни Моҷа, 911.

[3] Муснади имом Аҳмад, 5964. Ҷ. 2. – С. 268; Мишкоту-л-масобиҳ, 917. Ҷ. 1. – С. 179.

[4] Дар Субулу-с-салом, шарҳи Булуғу-л-маром ба нақл аз ривояти Байҳақӣ аз феъли паёмбар (с) овардааст, ки мавзеи бардоштани ангушт ҳангоми гуфтани ло илоҳа иллаллоҳу аст, вале сарчашмаи онро зикр накардааст (Муҳаммад ибни Амир Исмоили Санъонӣ, Субулу-с-салом, 332. – Ҷ. 1, ҷузъи дуюм. – С. 258. – Бейрут, 2007).

Чӣ тавре мебинем, дар байни пешвоёни мазоҳиб ва аиммаи дин дар робита ба мавзеи бардоштани ангушти ишора дар Ташаҳҳуд ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аҳодиси боб, ба хусус ҳадиси Ибни Умар (Саҳеҳи Муслим, 1309-11 (580)-115-116) ва Ибни Зубайр (Саҳеҳи Муслим, 1307-8 (579)-112-113) ба он далолат доранд, ки паёмбари акрам (с) ҳамин ки ба қаъда менишаст, ангуштони дасти росташро ба шакли рақами 53 (дар арабӣ) ҳалқа мекард ва бо ангушти саббоҳа ишора мекард. Баъзе аҳли илм ба ин амал кардаанд. Вале аиммаи ҳанафӣ ва шофеъӣ бо истинод ба суннати феълии расули Худо (с), ки ривояти он ба Байҳақӣ нисбат дода шуда, онро ҳангоми гуфтани калимаи нафй ва исбот донистаанд. Дар як ривоят аз Ибни Зубайр омадааст: ***«Расули Худо (с) вақте дар (поёни) ду ракъат ё чаҳор ракъат менишаст, дастонашро бар зонуҳояш мегузошт, пас аз он ба ангушташ ишора мекард»*** (Сунани Насоӣ, 1161). Дар ин ҳадис тасреҳ шуда, ки аввал дастонашро бар зонуҳояш мегузошт ва пас аз каме – бо тарохӣ, ки бо калимаи «сумма» ифода ёфтааст, ангушташро барои ишора мебардошт, ки он назари аиммаи ҳанафиро дар ин бора таъйид мекунад.

Дар бораи чӣ қадар давом кардани ишора аҳли илм бештар ба маънои луғавии вожаи «ишора» истинод намудаанд, баъзеҳо онро феъли ғайримустамир гуфта ҳадди онро бардоштан ва фаровардан донистаанд ва баъзеи дигар онро феъли истимрор талаққӣ карда, ба давом ёфтани ишора то охири Ташаҳҳуд назар додаанд. Баъзе уламои муосир, ба хусус донишмандони кишвари Саудӣ бо истинод ба ҳадиси Воил ибни Ҳучр дар Муснади имом Аҳмад ба давом ёфтани ишора то охири намоз – вақти

ни калимаи «иллаллоҳу» фароварда мешавад ва ҷунбонида намешавад, б) назди пешвоёни мазҳаби шофеъӣ ҳангоми гуфтани калимаи исбот – «иллаллоҳу» бардошта шуда ва то охири намоз фароварда намешавад ва дар бораи ҷунбонидан ва наҷунбонидани он назди онҳо ду қавл вуҷуд дорад, ки саҳеҳтар наҷунбонидани он аст, в) назди бузургони мазҳаби ҳанбалӣ ҳар боре номи ҷалолат – Аллоҳ дар аснои хондани Ташаҳҳуд мурур кунад, ишора мекунад, вале ангушташро намеҷунбонад, зеро он аз суннати феълии паёмбар (с) собит шудааст[1] ва г) назди аиммаи моликӣ онро то охири намоз ба чапу рост меҷунбонад.[2]

12. Агар намоз ду ракъатӣ бошад, пас аз ташаҳҳуд бар расули Худо (с) дуруду салавот мефиристад ва сипас барои худ дуо намуда[3] ва баъд аз он ба ҳар ду тараф салом дода, аз намоз берун мешавад.

Тарзи гуфтани салавот ба ин тартиб аст:

اللّٰهمَّ صَلِّ عَلى مُحَمَّدٍ وَعَلى آلِ مُحَمَّد، كَما صَلَّيتَ عَلى اِبْراهيمَ وَعَلى آلِ اِبْراهِيمَ، اِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ.
اللّٰهمَّ بارِكْ عَلى مُحَمَّدٍ وَعَلى آلِ مُحَمَّد، كَما بارَكْتَ عَلى اِبْراهيمَ وَعَلى آلِ اِبْراهِيمَ، اِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ.

салом ва ба ҷунбонидани ангушти ишора ба болову поин дар ҳар мавриде, ки дар он дуо вуҷуд дошта бошад, аз аввали Ташаҳҳуд то охири қаъда, назар додаанд.

[1] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 101.

Дар аҳодиси аслие, ки ишораи саббоҳа бо онҳо собит шудааст, танҳо аз ишора сухан рафтааст ва дар бораи ҷунбонидани он ҳангоми ишора чизе гуфта нашудааст, вале ду ҳадиси дигар вуҷуд дорад, ки яке аз Абдуллоҳ ибни Зубайр дар Сунани Абудовуд (989), Сунани Насоӣ (1270) ва Сунани Куброи Байҳақӣ (2845. – Ҷ. 2. – С. 482) ва дигаре аз Воил ибни Ҳуҷр дар Сунани Куброи Байҳақӣ (2846. – Ҷ. 2. – С. 483) ривоят шуда, ки дар ҳадиси аввал бо сароҳат онро намеҷунбонд ва дар дуюм меҷунбонд гуфтааст. Ба гуфтаи соҳиби Базлу-л-маҷҳуд, шарҳи Сунани Абудовуд (Ҷ. 3, ҷузъи 5. – С. 219, 220) Байҳақӣ ҳар ду ҳадисро саҳеҳ гуфта ва пас аз ривояти онҳо афзудааст: Эҳтимол дорад, ки мурод аз ҷунбонидан дар ривояти дуюм ҳамон ҳаракати бардоштан ва фаровардан дар ишора бошад, на ба такрор ҷунбонидани он, пас дар ин сурат бо ривояти Ибни Зубайр мувофиқат мекунад ва Худо беҳтар донад (Сунани Куброи Байҳақӣ. – Ҷ. 2. – С. 483).

Нававӣ дар Хулосату-л-аҳком (1390. – Ҷ. 2. – С. 428. – Бейрут, 1997) санади ривояти Ибни Зубайрро дар Сунани Абудовуд саҳеҳ гуфтааст ва муҳаққиқи он ин санадро заъиф, вале санади онро дар ривояти Байҳақӣ ҳасан гуфтааст. Ба ҳар сурат ривояти Ибни Зубайр аз дараҷаи ҳадиси ҳасани саҳеҳ поёнтар нест, вале баъзе тахриҷгарон худи ривоятро ҳасан гуфта, вале лафзи намеҷунбондро дар он шоз ва ғайри саҳеҳ гуфтааст, камо фӣ ҳошияти аҳодиси Мишкот (912. – Ҷ. 2. – С. 287. Бейрут, 1979).

Абудовуд дар баёни дараҷаи ҳадиси Ибни Зубайр чизе нагуфта, вале дар ривояти Амр ибни Динор аз Ибни Зубайр овардааст: «Паёмбар (с)-ро дид, ки чунин – бидуни тахрики ангушт дуо (ишора) мекард» ва пас аз ривояти дигар афзудааст, ки ҳадиси Ҳаҷҷоҷ – ровии ҳадиси Ибни Зубайр аз аҳодиси дигар комилтар аст ва ин ақвол сиҳҳати онро назди Абудовуд собит месозанд. Аҳодиси умдаи боб низ, ки дар онҳо аз ҷунбонидани ангушт сухане ба миён наомадааст, маънои ин ҳадисро таъйид мекунанд.

Аз сӯи дигар, баъзе уламо тасҳеҳи Нававӣ ҳадиси Ибни Зубайрро дар бораи наҷунбонидан ба маънои тарҷеҳи он бар ҳадиси Воил ибни Ҳуҷр дар бораи ҷунбонидан донистаанд, зеро дар сурати таоруз ривояти саҳобаи фақеҳтар, ба монанди Ибни Зубайр, бар саҳобаи камфиқҳтар бартарӣ дорад ва Байҳақӣ дар Сунани Куброи худ ба он ишора кардааст. Тарҷеҳи дигаре, ки Зафараҳмади Усмонӣ дар Эълоу-с-сунан (Ҷ. 2. – С. 112-113) ба он ишора кардааст, он аст, ки ривояти Ибни Зубайр, ки онро ба «кона – буд мекард» овардааст, ба истимрор ва мувозабати ин феъл аз сӯи паёмбар (с) далолат мекунад, дар ҳоле ки ривояти Воил ибни Ҳуҷр ба як бор далолат дорад. Агар ҷунбонидани ангушт ба ҳангоми ишора аз паёмбари акрам (с) ба таври ҳамеша сурат мегирифт, пас бояд онро саҳобагони зиёде, ки ҳамеша ҳамроҳ ва шоҳиди аҳволи он ҳазрат (с) буданд, ривоят мекарданд.

[2] Дар аксари аҳодиси боб «вақте дар намоз менишаст» омада ва дар баъзе ривоятҳои Ибни Умар «вақте барои Ташаҳҳуд менишаст» омадааст. Ҷумҳури муҳаддисон ва аиммаи фиқҳ аҳодиси радифи аввалро ба ривоятҳои радифи дуюм ҳамл карда, ҳалқа кардани ангуштони дасти рост ва ишора бо саббоҳаро дар Ташаҳҳуд машруъ ва суннат донистаанд ва аз назари онҳо ангуштони ин дастро низ дар мавридҳои дигар мабсут – кушода медорад. Вале дар ривояте аз Воил ибни Ҳуҷр дар Муснади имом Аҳмад омадааст, ки паёмбари акрам (с) дар ҷалса – нишасти байни саҷдатайн ҳам чунин мекард ва баъзе фақеҳони ҳанбалӣ ва уламои муосири кишвари Саудӣ бо истинод ба он дар ҷалса низ ангуштони дасти ростро ба шакли рақами 53 ҳалқа ва ба он дар дуоҳои воридшуда дар он мавзеъ бо тахрики ангушт ишора мекунанд.

[3] Ривоят шудааст: *«Расули Худо (с) мардеро шунид, ки дар намозаш дуо мекард, вале дар он на Худоро ба бузургӣ ёд кард ва на бар паёмбар дуруд фиристод. Расули Худо (с) фармуд:* ***Ин мард ба шитоб роҳ дод.*** *Он гоҳ ӯро фаро хонд ва ба ӯ ва ба дигарон гуфт:* ***Вақте касе аз шумо намоз хонд, (дар дуояш) аввал ба бузургдошт ва санои Парвардигораш шурӯъ намояд, сипас бар паёмбар (с) дуруд фиристад ва пас аз он ҳар чӣ мехоҳад, дуо намояд»*** (Сунани Абудовуд, 1481; Сунани Тирмизӣ 3476, 3477; Сунани Насоӣ, 1283).

«Аллоҳумма, салли ъало Муҳаммадин ва ъало Оли Муҳаммадин, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳима. Иннака ҳамидун маҷид.

Аллоҳумма, борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин, камо бораката ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳима. Иннака ҳамидун маҷид».[1]

«*Парвардигоро! Бар Муҳаммад ва хонадони ӯ дуруду раҳмат фирист, ҳамчуноне ки бар Иброҳим ва аҳли байти Иброҳим раҳмат фиристодаӣ. Ростӣ, Ту ситудаи бузургворӣ.*

Худовандо! Бар Муҳаммад ва хонадони ӯ баракат бинеҳ, ҳамчуноне ки бар Иброҳим ва хонадони Иброҳим баракат ниҳодӣ. Ба дурустӣ, ки Ту ситуда ва боазаматӣ».

Дуое, ки баъд аз салавот гуфта мешавад, бояд айнан аз он дуоҳое бошад, ки дар Қуръон ва суннат ворид шудааст ва ё ба монанди онҳо бошад ва бо каломи мардум монандӣ надошта бошад.

Ба таври мисол**:**

«Аллоҳумма раббано, отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино азоба-н-нор».

«Худоё! Парвардигоро! Моро дар дунё ва дар охират хубӣ бидеҳ ва моро аз азоби дӯзах нигоҳ дор».

Ин дуоро низ бихонад, хуб аст:

اللّٰهُمَّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي ظُلْمًا كَثِيرًا وَلاَيَغْفِرُ
الذُّنُوبَ الاَّ أَنْتَ، فَاغْفِرْ لِي مَغْفِرَةً مِنْ عِنْدِكَ،
وَارْحَمْنِي، إِنَّكَ أَنتَ الْغَفُور الرَّحِيم.

«Худоё! Ман бар нафси худ бисёр зулм кардаам ва ин танҳо Туӣ, ки гуноҳонро мебахшӣ. Пас бо мағфирате аз ҷониби худ маро мавриди омурзиш қарор деҳ ва бар ман раҳм намо. Ростӣ, Туӣ бахшандаи меҳрубон».[2]

Дар Моваройуннаҳр аслан *«Аллоҳумма-ғфир лӣ»*- ро мехонанд:

اَللّٰهُمَّ اغْفِرْ لِي وَلِوَالِدَيَّ وَلِجَمِيعِ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ
وَالْمُسْلِمِينَ وَالْمُسْلِمَاتِ، اَلْأَحْيَاءِ مِنْهُمْ وَالْأَمْوَاتِ

Худоё, барои ман ва волидайнам мағфират намо ва барои тамоми мардону занони муъмин ва мусулмон, зиндагон ва мурдагони онҳо низ мағфират намо!

Дар салом اَلسَّلَامُ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَةُ الله *«Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ»* гӯён рӯяшро аввал ба тарафи рост ва сипас ба тарафи чап бо он ният, ки барои имому намозгузорон ва малоика салом мегӯяд, баргардонад.

13. Ва агар намоз чаҳорракъатӣ бошад, баъд аз *ташаҳҳуд* барои гузоридани ракъати сеюм аз ҷой бархезад ва ракъатҳои сеюм ва чаҳорумро ба ҳамон сурате ки ракъатҳои аввал ва дуюмро ба ҷо овардааст, бихонад.

Танҳо ин ки дар ракъатҳои сеюм ва чаҳорум «Сано» ва *«Аъузу биллоҳ»* вуҷуд надорад ва низ (агар намоз фарз бошад) фақат ба хондани сураи *«Фотиҳа»* дар онҳо бидуни замми (хондани) сураи дигар кифоя мекунад ва агар ба ҷои сураи *«Фотиҳа»* тасбеҳ гӯяд ва ҳатто хомӯш ҳам бошад, мушкиле надорад.[3] Ва баъд аз саҷдаи

---

[1] Аз Каъб ибни Уҷра (рз) ривоят шудааст, ки аз расули Худо (с) пурсидем: *«Эй расули Худо (с), бар шумо – аҳли байт чӣ гуна салавот фиристем? Фармуд: Бигӯед: Аллоҳумма, салли ъало Муҳаммадин ва…»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 3370, 4797, 6357; Саҳеҳи Муслим, 907 (406)-66, 908 (…)-67, 909 (…)-68; Сунани Абудовуд, 976, 977, 978; Сунани Тирмизӣ, 483; Сунани Насоӣ, 1286, 1287, 1288; Сунани Ибни Моҷа, 904).

[2] Абубакр (рз) ба паёмбар (с) гуфт: Дуое ба ман биомӯз, ки дар намозҳоям бо он дуо намоям. Паёмбар (с) фармуд: ***«Бигӯ: Аллоҳумма, иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 834, 6326, 7388; Саҳеҳи Муслим, 6809 (2705)-48; Сунани Тирмизӣ, 3531; Сунани Насоӣ, 1301; Сунани Ибни Моҷа, 3835).

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) дар намозаш дуо мекард: ***«Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мин азоби-л-қабри ва аъузу бика мин фитнати-л-масиҳи-д-даҷҷоли ва аъузу бика мин фитнати-л-маҳё ва фитнати-л-мамоти. Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мина-л-маъсами ва-л-маграми»***. Шахсе пурсид: Чӣ бисёр аз қарз паноҳ мехоҳӣ? Гуфт: ***«Мард вақте ба зери бори қарз фурӯ равад, дар суханаш дурӯғ мегӯяд ва дар ваъдааш хилоф менамояд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 832, 833, 2397, 6368, 6375, 6376, 6377, 7129; Саҳеҳи Муслим, 1325 (589)-129; Сунани Абудовуд, 880; Сунани Насоӣ, 1308).

[3] Албатта, хондани сураи «Фотиҳа» дар ҷуфти дуюми намоз, яъне дар ракъати сеюм ва чаҳорум беҳтар мебошад, зеро ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) дар ду ракъати аввали намози пешин сураи «Фотиҳа» ва ду сураи дигарро мехонд ва дар ду ракъати охири он танҳо сураи «Фотиҳа»-ро мехонд ва (гоҳо садои) оятро ба мо мешунавонд. Дар ракъати якум каме дарозтар мехонд, ба тавре ки дар ракъати дуюм (қироатро) ба он андоза дароз намекард. Дар намози аср ва намози бомдод*

дуюмӣ аз ракъати чаҳорум барои қаъдаи ахир бинишинад ва бо хондани *ташаҳҳуд, салавот, дуо ва салом* аз намоз берун ояд.

14. Дар намози серакъата, баъд аз саҷдаи дуюми ракъати сеюм, барои қаъдаи ахир бинишинад.

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ НАМОЗ

1. Агар намозгузоре сураи *«Фотиҳа»*-ро нахонад, балки ба ҷои он сураи дигаре ё чанд ояте қироат кунад, ё сураи *«Фотиҳа»*-ро бихонад, вале онро ба охир нарасонад, ё дар поёни ду ракъат дар намозҳои бештар аз ду ракъатӣ ба қаъда нанишинад, ё ба қаъда бинишинад, вале *«Аттаҳийёт»*-ро нахонад, дар тамоми ин суратҳо агар амалҳои ёдшударо қасдан содир намуда бошад, фарзаш адо меёбад, вале намоз бонуқсон гашта, баргузории дубораи он воҷиб мебошад. Аммо агар амалҳои мазкур саҳван ва бо фаромӯшӣ аз вай содир шуда бошанд, намоз бо саҷдаи саҳв дуруст ва комил (ҷуброн) мегардад.

2. Агар вақти салом додан бо лафзи *«Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ»* аз намоз хориҷ нагардад, яъне калимаҳои *«Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ»*-ро ногуфта, бо касе ба суҳбат дарояд ё бархоста равад ва ё ба кори дигаре машғул гардад ва ҳамин тавр аз намоз хориҷ гардад, намозаш низ бонуқсон анҷом ёфтааст, зеро хориҷ гаштан аз намоз ва намозро бо лафзи *«Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ»* ба поён расонидан воҷиб аст.

3. Баъд аз сураи *«Фотиҳа»* дасти кам бояд се оят хонда шавад. Агар намозгузоре пас аз сураи «Фотиҳа» ду оят ё як оят хонад, ба шарте ки ин як ё ду оят ба андозаи се ояти кӯтоҳ бошанд, намозаш ҷоиз ва агар камтар аз ин бошанд, намозаш ноқис ва ҳукми ду сурати гузаштаро дорад.

4. Агар касе аз рукӯъ бархоста, *«Самиъа-л-лоҳ»*-ро нагӯяд ё дар рукӯъ ва саҷда *«Субҳона раббия-л-ъазим»* ва *«Субҳона раббия-л-аъло»*-ро нагӯяд ё дар қаъдаи ахир баъд аз *«Аттаҳийёт»* салавот (дуруди шариф)-ро нахонад ва ё дуо накунад, дар тамоми ин суратҳо намозаш ҷоиз ва дуруст гардидааст, вале тарки суннат намудааст, ки он нуқсоне дар савоб мебошад.

5. Агар дар вақти *«такбири таҳрима»* дастҳояшро набардорад, намозаш ҷоиз мешавад, вале тарки суннат намудааст.

6. Дар ҳар ракъат пеш аз сураи *«Фотиҳа»* *«Бисми-л-лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим»* гуфтан низ суннат аст.

7. Ҳангоми саҷда пешонӣ ва бинӣ ҳар ду ба замин гузошта мешаванд. Агар пешонӣ ба замин расад ва бинӣ нарасад, намоз дуруст мешавад, вале баръакси он дуруст намегардад, магар дар сурати узр.

8. Агар дар бархостан аз рукӯъ хуб рост нашавад, балки нимарост шуда ба саҷда равад, дар сурате ки ин кори ӯ аз рӯи қасд бошад, намозашро бояд аз сар бихонад, вале агар ба саҳв сурат гирифта бошад, саҷдаи саҳв намояд, зеро пас аз бархостан аз рукӯъ, таваққуфи кӯтоҳе ва оромиши нисбие, ки ба он *қавма* гуфта мешавад, аз воҷиботи намоз аст.

9. Агар аз саҷдаи аввал сари худро миқдоре бардошта, ба саҷдаи дуюм равад, саҷдаи дуюмаш ба ҷой наомада ва намозаш комилан дуруст нест, вале агар он қадар баланд шавад, ки ба нишастан наздик гашта бошад, фарз бо нуқсон ба ҷой меояд. Дар сурате ки ин корро қасдан анҷом дода бошад, намозашро бояд аз сар бихонад, вале агар аз рӯи саҳв ба вукӯъ омада бошад, саҷдаи саҳв намояд, зеро таваққуфи кӯтоҳе ва нишасти нисбие дар миёни ду саҷда, ки ба он *ҷалса* гӯянд, аз воҷиботи намоз аст.[1]

низ (қироатро дар ракъати аввал нисбат ба ракъати дуюм) чунин (дарозтар) мекард» (Саҳеҳи Бухорӣ, 776; Сунани Абудовуд, 799).

Аз он ҷо ки қироат дар чуфти дуюми намозҳои фарз воҷиб намебошад, пешвоёни мазҳаб тасбеҳ гуфтан ё сукут карданро низ ба ҷои он ҷоиз донистаанд, вале чӣ тавре мебинем, хондани сураи «Фотиҳа» дар он суннат ва беҳтар аз тасбеҳ ва ё сукути мутлақ мебошад. Ҷоиз будани тасбеҳ низ бинобар ривояте мебошад, ки аз Алӣ (рз) ва Ибни Масъуд (рз) омадааст. Онҳо мефармоянд: *«Дар ду ракъати аввал қироат кун ва дар ду ракъати охир тасбеҳ бигӯ»* (Мусаннафи Ибни Абушшайба, 1, 2. Ҷ. 1. – С. 408).

Маълум аст, ки онҳо дар бораи дин бо раъйашон суҳан намегӯянд, балки онро аз паёмбар (с) дидаанд ва ё шунидаанд.

[1] Дар бораи вуҷуби саҷдаи саҳв бо тарки қавма ва ҷалса дар миёни машоихи мазҳаб ва фақеҳони киром ихтилофи назар вуҷуд дорад, зеро назари эшон дар ҳукми онҳо мутафовит аст. Қавма ва ҷалса назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) бо иттифоқи машоих суннат ва назди имом Абуюсуф (рҳ) фарз мебошанд. Фақеҳони

10. Агар бар бӯрё ё фарше, ки аз замин мечунбад ва ба сӯи болову поён пасто-баланд мешавад, намоз бигузорад, ҳангоми саҷда сари худро хуб фишор диҳад, то бӯрё ва фарш ба замин бихобад. Агар сари худро оҳиста ба рӯи онҳо гузорад, саҷдааш дуруст намешавад.

11. Агар дар ду ракъати охири фарз баъд аз сураи *«Фотиҳа»* сураи дигаре хонад, намозаш комилан ҷоиз аст ва ҳеҷ боке надорад.

12. Агар дар ду ракъати охири фарз сураи «Фотиҳа»-ро нахонад, балки се бор *«Субҳоналлоҳ»* гӯяд, ё ба андозаи он хомӯш истад, намозаш ҷоиз аст, вале хондани сураи *«Фотиҳа»* беҳтар аст.

13. Дар ду ракъати аввали фарз хондани сураи «Фотиҳа» воҷиб аст. Агар намозгузоре танҳо бо хондани сураи «Фотиҳа» иктифо намояд ва сураи дигаре ба он зам накунад, ё сураи «Фотиҳа»-ро ҳам нахонад, балки танҳо «Субҳоналлоҳ» гӯяд, бояд дар ду ракъати охир сураи «Фотиҳа»-ро бо сураи дигаре бихонад. Агар ин кори вай қасдан сурат гирифта бошад, иъодаи (аз сар хондан) намоз воҷиб аст, вале агар саҳван бошад, саҷдаи саҳв намояд.

14. Дар намозҳои хуфя (паст) бояд хондан ба андозае бошад, ки шахси намозгузор худ овози хонданашро бишунавад. Агар шахси намозгузор овози худашро нашунавад, ки поёнтарин ҳадди қироат мебошад, намозаш ҷоиз нест. Зеро он дигар на паст хондан, балки ба дил гузаронидан мебошад, ки намоз бо он ҷоиз намешавад.

15. Ракъати дуюм набояд аз ракъати аввал дарозтар бошад, балки баръакс, ракъати якум, агар каме аз ракъати дуюм дарозтар бошад, беҳтар аст.

16. Аз хамёза ва даҳонвоза то ҳадди имкон худдорӣ намояд ва дар сурати ғалабаи даҳонвоза пушти дасташро ба даҳон бигузорад.

МАСЪАЛАҲОЕ ДАР МАВЗӮИ ҚИРОАТ

Имом қироатро дар намозҳои бомдод, ду ракъати аввали намози шом ва хуфтан, дар намози ҷумъа, идайн (иди Қурбон ва Рамазон), таровеҳ ва витр дар моҳи Рамазон, чи дар адо (дар вақт) ва чи дар қазо, бо овози баланд бихонад, то қавм қироати ӯро бишнавад. Албатта, намозҳои ҷумъа ва ид қазо надоранд. Вале шахси танҳогузор (мунфарид) дар паст ва баланд хондани қироат дар мавридҳои зикршуда ихтиёр дорад, яъне ҳар ду сурат барои ӯ дуруст мебошад.

Дар тамоми ракъатҳои намози пешин, аср ва дар ракъати сеюми намози шом ва дар ду ракъати охири намози хуфтан ҳам имом ва ҳам танҳогузор қироатро паст бихонанд.

СУРАҲОЕ, КИ ПАЁМБАР (С) ДАР БАЪЗЕ МАВРИДҲО БЕШТАР ОНҲОРО МЕХОНД

Таъйин намудани як сураи муайян барои қироат дар намози хоссе ва ҳеҷ гоҳ ғайри онро нахондан макрӯҳ мебошад.

Дар китобҳои ҳадис ривоятҳое омадааст, ки паёмбари акрам (с) гоҳе дар намозҳои муайян сураҳои махсусеро бештар қироат мекард.

Намози бомдод: Расули Худо (с) дар баъзе

киром бо истинод бар ин ривоятҳо дар бораи тарки онҳо ду назар доранд, баъзеҳо саҷдаи саҳвро воҷиб намедонанд ва баъзеҳо, ба монанди Қозихон дар фатовои худ, онро аз назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) низ воҷиб медонанд.

Шореҳи Ҳидоя – Ибни Ҳумом дар Фатҳ (Ҷ. 1. С. 306-308) бо истинод ба аҳодис ва осори ривоятшуда аз паёмбари акрам (с) назари гурӯҳи дуюми фақеҳонро дар ин маврид саҳеҳ ва саҷдаи саҳвро бо тарки қавма ва ҷалса ба тариқи саҳв воҷиб донистааст. Соҳиби Фатҳ овардааст, ки аз имом Муҳаммад (рҳ) дар ин бора пурсида шуд, гуфт: Бим дорам, ки намоз ҷоиз нагардад ва аз Сарахсӣ ривоят шуда, ки касе эътидол – қавма ва ҷалсаро (қасдан) тарк намояд, иъодаи намоз ӯро лозим меояд. Ин қавли ӯро дар поварақии Ҳидоя чопи Бушро (Ҷ. 1. С. 199-200) ва дар Радду-л-муҳтор (Ҷ. 2. С.193-194) низ таъйид намудаанд. Соҳиби Радд пас аз таъйиди қавли Ибни Ҳумом дар ин бора мегӯяд: Машҳур дар мазҳаб суннат будани онҳост, вале вуҷуби онҳо низ ривоят шудааст, ки он бо далелҳо (-и шаръ) мувофиқ аст. Камол ибни Ҳумом ва мутааххирони пас аз ӯ бар ин назаранд (Ҷ. 2. С. 194). Соҳиби Баҳр низ бо зикри қавли Шарҳи Зоҳидӣ (Ҷ. 1. С. 576) дар бораи вуҷуби итмоми қавма ва ҷалса бинобар ривояте аз назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) вуҷуби саҷдаи саҳвро дар тарки онҳо ба тариқи саҳв воҷиб ва иъодаи намозро дар тарки амдии онҳо лозим донистааст.

Аз ин рӯ, аз назари он фақеҳоне, ки қавма ва ҷалсаро дар намоз суннат медонанд, бо тарки онҳо бар намозгузор саҷдаи саҳве воҷиб намегардад, ҳарчанд бар хилофи равиши маснун буда. Пас касе дар ҳолати рафъ аз рукӯъ ва аз саҷдаи аввал ба таври пурра рост нашавад ҳам, намозаш бо карохият ҷоиз аст ва саҷдаи саҳве бар вай воҷиб нест.

мавридҳо дар намози бомдод сураҳои *«Қоф ва-л-Қуръони-л-маҷид»*, *«Ва-л-лайли изо ъасъас»* ва сураи *«Муъминун»*-ро ва гоҳе ин бахши сураи *«Бақара» «Қулӯ оманно биллоҳи ва мо унзила илайно»* ва ин бахши сураи Оли Имрон: *«Ё аҳла-л-китоби, таъолав ило калиматин савоин байнано ва байнакум»*-ро мехонд.[1] Баъзе вақтҳо сураи *«Тур»* ва гоҳе сураи *«Таквир»*: *«Изашшамсу куввират»*-ро қироат мекард.[2] Дар рӯзи ҷумъа дар намози бомдод сураи *«Алиф, лом, мими танзил»*-ро дар ракъати якум ва сураи *«Даҳр»*: *«Ҳал ато ъала-л-инсон»*-ро дар ракъати дуюм мехонд.[3]

Намози пешин: Дар намози пешин бошад, расули Худо (с) дар баъзе мавридҳо сураҳои *«Ва-л-лайли изо яғшо»* ва *«Саббиҳисма раббика-л-аъло»* ва ё *«Ва-л-ъаср»*-ро мехонд[4] ва гоҳе дар ду ракъати намози пешин чандон дер мекард, ки гӯё *«Алиф, лом, мим, танзили саҷда»*-ро тиловат мекард.[5]

Намози аср: Дар намози аср он азрат (с) гоҳе сураҳои *«Валлайл»* ва *«Аъло»*-ро ва гоҳе сураҳои *«Ва-с-самои зоти-л-буруҷ»* ва *«Ва-с-самои ва-т-ториқ»*-ро мехонд.[6]

Абусаъиди Худрӣ (рз) мефармояд: *«Муддати қиёми расули Худо (с) дар ду ракъати намози аср ба андозаи нисфи қиёмаш дар ду ракъати пешин буд»*.[7] Дар ривояти дигар аз Абусаъид (рз) омадааст, ки: *«Қиёми вай дар ду ракъати аввали намози аср ба андозаи қиёмаш дар ду ракъати охири намози пешин буд»*.

Намози шом: Расули Худо (с) дар намози шом гоҳе сураи *«Тур»* ва сураи *«Мурсалот»* ва гоҳе сураи *«Аъроф»*-ро дар ду ракъат ва аҳёнан сураи *«Ҳо, мими Духон»*-ро қироат мекард ва баъзан сураҳои *«Кофирун»* ва *«Ихлос»*-ро мехонд.[8]

Намози хуфтан*:* Дар намози хуфтан расули Худо (с) баъзе вақтҳо сураи *«Ваттин»*[9] ва гоҳе сураи *«Иншиқоқ»*-ро қироат намуда[10] ва гоҳе ҳам ба тиловати сураҳои *«Аъло», «Вашшамс» ва «Валлайл»* тавсия мекард.[11]

Намози витр: Расули Худо (с) гоҳе дар ракъати аввали витр сураи *«Аъло»,* дар ракъати дуюм сураи *«Кофирун»* ва дар ракъати сеюм сураи *«Ихлос»*-ро мехонд.[12]

Баъзе вақтҳо дар се ракъати витр нуҳ сура – дар ҳар ракъате сесурагӣ мехонд ва сураи охирине, ки дар ракъати сеюм мехонд, сураи *«Ихлос»* буд.[13]

Намози ҷумъа: Дар ракъати аввали намози ҷумъа расули Худо (с) баъзан сураи *«Ҷумуъа»* ва дар ракъати дуюми он сураи *«Мунофиқун»*-ро тиловат мекард[14] ва аҳёнан сураи *«Аъло»* ва *«Ғошия»*-ро мехонд.[15]

Намози идайн: Дар намози идайн – идҳои Рамазон ва Қурбон – низ расули Худо (с) сураи *«Аъло»* ва *«Ғошия»*-ро мехонд, ҳатто агар ид дар рӯзи ҷумъа меомад, ҳам дар намози ид ва ҳам дар намози ҷумъа ҳамин ду сураро мехонд.[16] Аммо гоҳе дар намозҳои ҳар ду ид

[1] Саҳеҳи Муслим, 1023 (456)-164; Сунани Ибни Моҷа, 817. Манзур аз «Ва-л-лайли изо ъасъас» сураи Таквир аст, зеро ин оят дар он омадааст. Дар ривояти Ибни Моҷа ба ҷои он «Фало уқсиму би-л-хуннаси-л-ҷавори-л-куннас» омадааст, ки он низ ояте аз сураи Таквир аст.

[2] Саҳеҳи Муслим, (456)-164; Сунани Абудовуд, 817; Сунани Насоӣ, 951; Сунани Ибни Моҷа, 817.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 891, 1068; Саҳеҳи Муслим, 2031 (459)-170, 2032 (…)-171; Сунани Насоӣ, 954; Сунани Ибни Моҷа, 821, 822, 823, 824.

[4] Саҳеҳи Муслим, (459)-170; Сунани Абудовуд, 8064; Сунани Насоӣ, 979; Мишкот, 79.

[5] Саҳеҳи Муслим, (452)-156; Сунани Абудовуд, 807; Сунани Тирмизӣ, 307; Сунани Насоӣ, 141.

[6] Сунани Абудовуд, 805; Сунани Тирмизӣ, 307; Сунани Насоӣ, 978; Мишкот, 79.

[7] Саҳеҳи Муслим, (452)-156; Сунани Абудовуд, 8044; Сунани Насоӣ, 474.

[8] Саҳеҳи Бухорӣ, 763, 764, 765, 3050, 4023, 4429, 4854; Саҳеҳи Муслим, (462)-173, 1033, 1035; Сунани Абудовуд, 810, 811, 812; Сунани Тирмизӣ, 308; Сунани Насоӣ, 985-987; Сунани Ибни Моҷа, 831-833.

[9] Саҳеҳи Бухорӣ, 767, 769, 4952, 7546; Саҳеҳи Муслим, 1036 (464)-175, 1037 (…)-176, 1038 (…)-177; Сунани Абудовуд, 1221; Сунани Тирмизӣ, 310; Сунани Насоӣ, 999, 1000; Сунани Ибни Моҷа, 834, 835.

[10] Саҳеҳи Бухорӣ, 766, 768, 1074, 1078; Саҳеҳи Муслим, (578) 106, 107, 108, 1304, 1305; Сунани Абудовуд, 1408; Сунани Насоӣ, 967.

[11] Саҳеҳи Бухорӣ, 701, 705, 6106; Саҳеҳи Муслим, (465)-178; Сунани Абудовуд, 790; Сунани Насоӣ, 893, 996.

[12] Сунани Абудовуд, 1423; Сунани Тирмизӣ, 462, 463; Сунани Насоӣ, 1730; Сунани Ибни Моҷа, 1171-1173.

[13] Саҳеҳи Муслим, 1717 (465)-178, 179.; Сунани Тирмизӣ, 459.

[14] Саҳеҳи Муслим, 2023, 2024 (877)-61; Сунани Абудовуд, 1124; Сунани Тирмизӣ, 519; Сунани Ибни Моҷа, 1118.

[15] Саҳеҳи Муслим, 2025 (877)-61; Сунани Абудовуд, 1122; Сунани Тирмизӣ, 519, 533; Сунани Насоӣ, 1423, 1567; Сунани Ибни Моҷа, 1281-1282.

[16] Саҳеҳи Муслим, 2027 (878)-62; Сунани Абудовуд, 1122; Сунани Тирмизӣ, 533; Сунани Насоӣ, 1423, 1589;

сураи *«Қоф»* ва *«Иқтарабати-с-соъату»*-ро қироат мекард.[1]

Аз маҷмӯаи ривоятҳои саҳобагони киром (рз), ки дар бораи қироати паёмбари акрам (с) дар намозҳои гуногун ривоят мекунанд, чунин бармеояд, ки дар намозҳои бомдод ва пешин қироат аз сураҳои тиволи муфассал ва дар намозҳои аср ва хуфтан аз авсоти муфассал ва дар намози шом аз қисори муфассал мустаҳаб мебошад.

Аз сураи *«Ҳуҷурот»* то сураи *«Буруҷ»* тиволи муфассал ва аз сураи *«Ториқ»* то сураи *«Баййина»* авсоти муфассал ва аз сураи *«Зилзол»* то охири Қуръон қисори муфассал гуфта мешаванд.[2]

Албатта, чунин тартиби хондани сураҳо барои шахсе мустаҳаб ва хуб дониста шудааст, ки барои хондани намоз фурсати кофӣ дошта бошад, ба мисли шахси муқим. Аммо шахси мусофир ва ё шахсе, ки вақт барояш танг аст ва ё мушкил ва ҳоҷати фаврии дигаре дошта бошад, метавонад ба ҷои сураҳои дароз аз сураҳои кӯтоҳтар қироат намояд. Ҳамчунин шахсе, ки фурсати бештаре дар ихтиёр дорад ва низ Қуръонро хуб медонад, метавонад қисматҳое аз сураҳои дарози Қуръонро дар намозҳояш тиловат намояд.

Ин равиш аз амали расули Худо (с) дар намозҳояш собит гардидааст. Барои мисол, боре он ҳазрат (с) дар ракъати якуми намози бомдод сураи *«Кофирун»* ва дар ракъати дуюми он сураи *«Ихлос»*-ро хонд. Гоҳе дар ҳар ду ракъат сураи *«Изо зулзилат»*-ро мехонд.[3] Як бор дар сафар дар ракъати якуми намози бомдод сураи *«Фалақ»* ва дар ракъати дуюм сураи *«Нос»*-ро хонд.[4]

ТИЛОВАТИ ҚУРЪОН

1. Хондани Қуръони карим ба таври саҳеҳу дуруст ва бо омӯзиш ва риояи таҷвид (илми омӯзиши талаффузи Қуръон) то ҳар ҳарферо аз махраҷи (талаффузгоҳ) худ адо намояд, воҷиб аст. Фарқ ва дигаргуниеро, ки дар талаффузи ҳарфҳои гуногун вуҷуд дорад, ҳатман ба ҷой оварад.

2. Агар шахсе ҳарферо дуруст талаффуз карда натавонад, мас., ба ҷои **(ح)** «ҳо»-и ҳуттӣ, **(ه)** «ҳо»-и ҳаваз ё ба ҷои син **(س)**, **(ث)** се ва ё ба ҷои сод**(ص)** , син **(س)** гӯяд, зарур аст тамрин ва машқи қироат намояд. Агар дар роҳи аз худ намудани талаффузи саҳеҳи ҳарфҳо ва хондани дурусти Қуръон ҳеҷ гуна кӯшише ба харҷ надиҳад, гунаҳкор мегардад ва намозаш ҷоиз нест. Аммо пас аз ҳама гуна машқу кӯшиш боз ҳам натавонад ҳарферо дуруст талаффуз намояд, дар ин сурат маъзур аст ва аз ҳараҷ хориҷ гаштааст.

3. Тиловаткунандаи Қуръон, агар аз сабаби бепарвоӣ фарқи миёни ҳарфҳоро риоя накунад, гунаҳкор гашта, намозаш ҷоиз нест.

4. Агар сураеро, ки дар ракъати якум хонда, дар ракъати дуюм низ бихонад, боке надорад,

---

Сунани Ибни Моҷа, 1281, 1283.

[1] Саҳеҳи Муслим, 2056 (891)-14, 2057 (…)-15; Сунани Абудовуд, 1154; Сунани Тирмизӣ, 533, 534; Сунани Насоӣ, 1566; Сунани Ибни Моҷа, 1282.

[2] Сураҳои Қуръон аз назари муфассирон ва фақеҳон ба чаҳор бахш ҷудо шудаанд: а) сураҳои тивол (дароз), ки ҳафт сураи дарозро дар аввали Қуръон дар бар мегиранд ва ба сабъи тивол маъруф мебошанд. Онҳо иборатанд аз сураҳои: 1. Бақара (286 оят), 2. Оли Имрон (200 оят), 3. Нисо (176 оят), 4. Моида (120 оят), 5. Анъом (165 оят), 6. Аъроф (206 оят) ва 7. Анфол ва Бароат. Ба назари баъзе донишмандон ин ду сура, ки ба тартиб аз 75 ва 129 оят иборат мебошанд, якҷоя ҳафтумин сураи дарози Қуръон ҳастанд. Бинобар ривояти Саъид ибни Ҷубайр сураи Юнус бо 109 оят ва ба ривояте сураи Каҳф бо 110 оят ҳафтумин сураи дарози Қуръон мебошанд (Абдуллоҳи Аҳмадиён. Қуръоншиносӣ. – С. 56).

б) сураҳои миин (садоята), ки сураҳои садоята ва дар ҳудуди онро дар бар мегиранд ва ба гуфтаи Суютӣ дар «Итқон» онҳо ёздаҳ сура буда ва ба тартиб аз сураҳои Наҳл (128 оят), Ҳуд (123 оят), Юсуф (111 оят), ба ривояте сураи Каҳф (110 оят), Исро (111 оят), Анбиё (112 оят), Тоҳо (135 оят), Муъминун (118 оят), Шуъаро (227 оят), Соффот (182 оят) ва ба ривояте сураи Бароат (129 оят) иборат ҳастанд.

в) сураҳои масонӣ, ки радифи сеюмро дар ин тақсимбандӣ ташкил медиҳанд ва наздик ба чиҳил сура мебошанд.

г) сураҳои муфассал. Ин маҷмӯа дар қисмати охири Қуръон пас аз маҷмӯаи сеюм ҷойгир шудаанд. Онҳо сураҳои нисбатан кӯтоҳтари Қуръон буда, тез-тез бо фосилаи «Бисмиллоҳ» аз ҳам ҷудо мешаванд ва барои ҳамин, сураҳои муфассал номида шудаанд. Ин маҷмӯа ба тартиб аз дарозтарҳо (тивол)-и муфассал, миёнаҳо (авсот)-и муфассал ва кӯтоҳтарҳо (қисор)-и муфассал иборатанд. Охирин сураи маҷмӯаи муфассалҳо ба иттифоқ сураи Нос мебошад, вале дар бораи сураи аввали ин маҷмӯа ва ҳамчунин аввал ва охири зербахшҳои он назарҳои гуногуне дар байни донишмандон вуҷуд дорад.

[3] Сунани Абудовуд, 816.

[4] Сунани Насоӣ, 951.

вале безарурат беҳтар аст чунин накунад.

5. Ба ҳамон тартибе, ки сураҳо дар Қуръон ҷойгир гаштаанд, дар намоз аз боло ба поён хонда мешаванд. Баръакс, яъне аз поён ба боло хондани Қуръон қасдан макрӯҳ аст, на саҳван.

6. Агар дар намоз сураеро шурӯъ кунад, вале бе кадом узре онро тарк намуда, ба сураи дигар гузарад, чунин гузаштан аз сура ба сурае макрӯҳ аст.

7. Шахсе Қуръонро тамоман надонад ё тоза ислом оварда бошад, агар дар тамоми ҳолатҳо *«Субҳоналлоҳ»* бигӯяд, фарз адо меёбад, вале барои омӯхтани Қуръон ва намоз бояд хуб кӯшиш намояд. Агар барои омӯзиш ва аз худ кардани онҳо кӯшиш накунад, гунаҳкор мегардад.

8. Агар намозгузоре бо вуҷуди доштани қудрат ва истеъдоди дуруст талаффуз намудани ҳарфҳои фарқнок, фарқи миёни онҳоро дар талаффуз риоя накунад, намозаш фосид мешавад. Вале агар риоя нашудани фарқи миёни ҳарфҳо ва берун наовардани ҳар ҳарфе аз махраҷи худ, ба сабаби нотавонии ӯ бар талаффузи дуруст бошад, ҳамон гуна ки ҳоли оммаи мардум аст, намозаш ҷоиз мебошад.

Бинобар ин, намози авом, ки қудрати фарқ намудан ва талаффузи дурусти баъзе ҳарфҳоро надоранд, ҷоиз аст, ҳарчанд онҳо низ ба сабаби тарки кӯшиш ва ҷиддият дар кори омӯзиш гунаҳкор мегарданд.

Фасли шашум

НАМОЗИ ҶАМОАТ

Намози ҷамоат суннати муаккада аст. Дар намози ҷамоат яке аз намозгузорон (имом) дар пеши ҷамъият меистад ва дигарон дар сафҳои муназзам аз пушти ӯ бо якҷоягӣ намоз мехонанд.

Касе дар намози ҷамоат дар пеши мардум меистад ва барояшон имоматӣ мекунад, ба вай *имоми ҷамоат* ва ба касе, ки аз пушти ӯ намоз мехонад, *муқтадӣ (иқтидокунанда)* гуфта мешавад.

1. Сазоворторини мардум барои имомати ҷамоат донишмандтарини онҳо ба суннат ва аҳкоми дин аст, яъне касе, ки бештар аз дигарон ба корҳои шаръӣ ва ба хусус масъалаҳои намоз, огоҳ аст. Ин назари ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва шофеъӣ аст, зеро расули Худо (с) дар бемориаш фармуд: ***«Абубакрро бифармоед, ки бо мардум намоз гузорад»***,[1] дар ҳоле ки афроди қоритар аз вай вуҷуд доштанд. Агар билфарз, дар миёни ҷамоат каси дигаре ҳам вуҷуд дошта бошад, ки аз нигоҳи илми суннат бо ӯ баробар бошад, дар он сурат касе, ки қироати беҳтар дорад, шоистатар мебошад ва агар аз ин назар ҳам баробар бошанд, касе ки тақвои (худотарсӣ) бештаре дорад, имом хоҳад шуд ва агар ба фарзи мисол аз ҷиҳати худотарсӣ низ бо ҳам баробар бошанд, он гоҳ калонсолтарашон сазовори имомат хоҳад буд.[2]

Агар дар синну сол ҳам баробар бошанд, пас хушахлоқтари онҳо ба имоматӣ шоистатар мебошад. Сипас шахсоне, ки қиёфа ва шаклашон беҳтаранд, бар дигарон муқаддам ҳастанд. Баъд касоне, ки аз лиҳози аслу насаб бошарофат мебошанд, муқаддам ҳастанд. Он гоҳ касоне, ки овози хубу беҳтаре доранд, пас аз он касоне, ки аз лиҳози вазъи либос покизапӯш ва пойбандтаранд, барои имоматӣ муқаддам бар дигарон мебошанд.

Агар дар тамоми ин сифатҳо ҳама бо якдигар баробар бошанд, пас ихтиёр дар дасти худи намозгузорон аст. Ҳар касеро, ки аксарияти онҳо таъйин намоянд, имоми ҷамоат ҳамон кас хоҳад шуд.

2. Агар қисме аз мардум бинобар ғаразҳои шахсии худ, ғайр аз шахсоне, ки шариат баён фармудааст, каси дигареро барои худ имом на-

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 678-682; Саҳеҳи Муслим, 939 (418)-94, 947 (420)-101.

[2] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Мардумро касе имоматӣ менамояд, ки китоби Худоро аз ҳама бештар хонда тавонад (аз ҳама қоритар бошад). Агар дар қироат ҳама бо ҳам баробар бошанд, он гоҳ аз ҳама олимтарашон ба суннат онҳоро имоматӣ менамояд. Агар дар илми ба суннат низ бо ҳам баробар бошанд, пас аз ҳама муқаддамашон дар ҳиҷрат онҳоро имоматӣ менамояд ва агар дар ҳиҷрат низ бо ҳам баробар бошанд, дар он сурат аз ҳама калонсолашон барои онҳо имоматӣ менамояд.***

Мардро дар (ҳавзаи нуфуз ва) султонаш имоматӣ карда намешавад ва дар хонааш бар нишастгоҳ (и хоссаш) нишаста намешавад, магар ба иҷозати вай» (Саҳеҳи Муслим, 1530 (673)-290, 1531 (…)-291, 1532 (…)-292; Сунани Абудовуд, 582, 584; Сунани Тирмизӣ, 235; Сунани Насоӣ, 779, 782; Сунани Ибни Моҷа, 980).

Дар замони расули Худо (с) онҳое, ки китоби Худоро аз ҳама бештар медонистанд, ба масоили шаръӣ низ аз ҳама бештар огоҳӣ доштанд. Аммо одамоне, ки танҳо дар бораи суннатҳои намоз ва ё умуман суннати расули Худо (с) маълумоти кофӣ доштанд, вале дар ҳифзи Қуръон сусттар буданд, дар ҷои дуюм меистоданд. Бинобар ин, дар ҳадис низ ҳамин тартибро мебинем. Ба ин маъно, ки онҳое, ки аз ҳама бештар китоби Худоро ҳифз карда буданд, ду хусусият доштанд, ҳам қории Қуръон ва ҳам донишманди улуми шаръ ба шумор мерафтанд. Аммо одамоне, ки танҳо дар бораи суннат илми кофӣ доштанд, яке аз он ду хусусиятро доро буданд.

Ин амр дар даврaҳои баъдӣ, ба хусус дар замони мо бар хилофи он дар аҳди рисолат аст. Ҳофизони Қуръон аксаран танҳо як хусусият, ҳамон ҳифзи каломи Худоро доро мебошанд. Пас шахси донишманде, ки миқдоре аз китоби Худоро низ ҳифз намудааст, барои имоматии намоз аз ҳама муқаддам мебошад.

моянд, ҳама гунаҳкор мешаванд. Мас., хеле иттифоқ меафтад, ки дастае аз мардум яке аз хешовандони худро барои имоматии масҷиди деҳ ё масҷиди ҷомеъ бо дарназардошти ғаразҳои шахсии худ пешбарӣ менамоянд, дар сурате ки дар миёни ҷамоат шахсони огоҳтар ба масоили дин, дорои қироати дуруст ва ё парҳезгортар аз шахси пешбаришуда вуҷуд доранд. Намоз, ки ҷойгоҳи ачру савоб аст, бандаи ноогоҳ бо паймудани роҳи худкомагӣ ва содир намудани аъмоли нобаҷо барои худ гуноҳ ба бор меоварад.

3. Ҳамчунин гурез аз имоматӣ, ба якдигар ҳавола кардан ва аз худ соқит намудани он аз сӯи аҳли масҷид барояшон кароҳият дорад ва он нишонаи камии маърифати динӣ ва наомӯхтани аҳкоми намоз ва дигар арзишҳои дин аз сӯи онҳост, ба гунае ки ҳар кадоми онҳо аз имоматӣ дар намоз ҳазар ва гурез менамояд. Дар ҳадисе бо ривояти Абудовуд омадааст, ки ***«Яке аз нишонаҳои рӯзи қиёмат он аст, ки аҳли масҷид тадофуъ намоянд (имоматиро аз худ рад кунад) ва имоме наёбанд, ки бо онҳо намоз гузорад»***.[1]

АҲАМИЯТИ НАМОЗИ ҶАМОАТ

Аҳамият ва фазли намози ҷамоат дар иршодот ва тавсияҳои паёмбар (с) бисёр мавриди таъкид қарор гирифтааст. Он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Намози ҷамоат бисту ҳафт маротиба бештар аз намози танҳогузор фазлу савоб дорад»***.[2] Дар робита ба аҳамияти ҳузур дар намози ҷамоат ва зиёнҳои иҷтимоӣ ва маънавии тахаллуф аз он мефармояд: ***«Боре қасд намудам, ки мардумро бифармоям ҳезум ҷамъ намоянд. Пас аз он барои намоз азон дода шавад ва шахсеро ба баргузории намози онҳо маъмур созам ва худам ба назди онҳое биравам, ки ба намози ҷамоат ҳозир намешаванд ва онҳоро бо хонаҳояшон оташ занам»***.[3]

Боре як саҳобаи нобино аз расули Худо (с) пурсид: *«Эй расули Худо (с), касе нест, ки маро ба масҷид биоварад. Оё метавонам дар хонаам намоз бихонам?. Он ҳазрат (с) ба вай иҷозат дод. Ҳамин ки ба роҳ афтод, дубора ӯро садо дод ва фармуд:* ***Оё садои азонро мешунавӣ? Оре, мешунавам – гуфт он саҳоба. Расули Худо (с) фармуд: Пас ҳатман, даъвати онро иҷобат (ва дар ҷамоат ширкат) намо!»***.[4]

Камтарин адад барои баргузор намудани намози ҷамоат дар ғайри ҷумъа ва идайн ду нафар аст, ҳарчанд яке аз онҳо – муқтадӣ зан бошад. Аз назари ҷумҳур агар имом намозро бо кӯдаки ноболиғе ҷамоат намояд, он ҷамоати комил ба шумор намеравад, зеро намози ноболиғ нафл аст, вале дар намозҳои нафлӣ он ҷамоати комил ба шумор меравад. Аммо ноболиғе, ки ба синни тамйиз расида бошад, дар назди машоихи ҳанафӣ, шофеъӣ ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) ҷамоат бо вай комил ба шумор меравад ва ачри он барояшон ҳосил мешавад.[5]

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Ду нафар ва бештар аз он ҷамоат ба шумор мераванд»***.[6]

Дар сурате ки намозгузорон ду нафар бошанд, яке аз онҳо имом ва дигаре муқтадӣ мешавад. Муқтадӣ бинобар зоҳири ривоят дар мазҳаб дар самти рост ва баробар бо имом ва ба қавле аз имом Муҳаммад (рҳ) каме ақибтар аз вай меистад. Агар дар ин вақт муқтадии дигаре ба онҳо бипайвандад, равиши маснун он аст, ки муқтадии аввал низ ба ақиб равад ва ҳар ду дар пушти имом саф гиранд, агар муқтадии дуюм дар чапи имом истад, онҳоро бо ишора ба ақиб иршод намояд. Ҷобир (рз) ривоят мекунад, ки ҳамроҳи расули Худо (с) ҳаракат кардем.... Он ҳазрат (с) ба намоз бархост (ва) ман ҳам... омада дар тарафи чапаш истодам. Аз дастам гирифт ва ба тарафи росташ гузаронд. Дар ин вақт Ҷаббор ибни Сахр омад ва аз ча-

---

[1] Сунани Абудовуд, 581. Ҳадисро заъиф гуфтаанд.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 645, 649; Саҳеҳи Муслим, 1475 (649)-245, 246, 247; Сунани Тирмизӣ, 215; Сунани Насоӣ, 836; Сунани Ибни Моҷа, 789. Дар ривоятҳои зиёде бисту панҷ баробар низ зикр гардидааст.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 644, 657, 2420, 7224; Саҳеҳи Муслим, 1482 (651)-251, 252; Сунани Абудовуд, 548, 549; Сунани Тирмизӣ, 217; Сунани Насоӣ, 847; Сунани Ибни Моҷа, 791.

[4] Саҳеҳи Муслим, (653)-255; Сунани Абудовуд, 552; Сунани Ибни Моҷа, 792.

[5] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 29. – С. 169-170, ба нақл аз Бадоеъ ва Рад(д).

[6] Ибни Моҷа, 972. Ҳадисро Муғлатой, Бусирӣ дар Завоид ва Мисбоҳу-з-зуҷоҷа ва Ибни Ҳаҷар дар Талхиси ҳабир заъиф гуфтаанд, вале маънои он бо шавоҳиде, аз ҷумла бо ҳадисе, ки дар Сунани Абудовуд (574) ва Сунани Тирмизӣ (220) аз Абусаъиди Худрӣ ривоят шуда, таъйид шудааст.

паш истод. Пас аз дастонамон гирифт ва моро (ба ақиб) телла дод, то дар пушташ рост кард.[1]

Вақте муқтадиён чунин накарданд, пас дар сурати имкон имом кам-кам ба пеш равад то ҳар ду муқтадӣ аз пушти ӯ ба ҳам наздик гардида, сафферо ташкил диҳанд.[2] Дар сурати ғайри имкон муқтадии дуюм ҳатман бояд дар пушти имом биистад ва муқтадии аввал кам-кам ба ақиб ояд, то дар паҳлӯи муқтадии дуюм дар саф ҷой гирад.

Дар тарафи чап ва ё дар пушти имом истодани муқтадӣ вақте як нафар бошад ва ҳамин тавр дар байни муқтадиён – ду нафар истодани имом дар сурати гуноҳиши макон макрӯҳи танзеҳӣ аст, зеро бар хилофи равиши маснун мебошад.

РОСТ НАМУДАНИ САФ

Рост намудани сафҳо дар намоз аз ҷумлаи одоб, ҳусн ва камоли намоз ба шумор рафта аз аҳамияти болое бархӯрдор аст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Сафҳоятонро рост намоед, зеро рост намудани сафҳо аз барпоии намоз*** – ва дар ривояте ***– аз камол ва тамомияти (пурраги) намоз ба шумор меравад»***.[3]

[1] Саҳеҳи Муслим, 7437 (3006)-74.

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст. Вай мегӯяд: *«Шабе дар хонаи холаам Маймуна, ҳамсари паёмбар (с) хобидам. Паёмбар (с) низ он шаб дар назди ӯ буд. Он ҳазрат (с) фарзи намози хуфтанро (дар масҷид) ба ҷой оварда, ба хонааш омад. Дар он ҷо чаҳор ракъат намози дигар гузорид ва пас аз он хоб рафт.*

Пас аз чанде бархост ва аз машки овезоне вузӯ гирифт ва ба намоз пардохт. Ман низ бархоста, ба монанди ӯ вузӯ гирифтам ва омада аз тарафи чапи он ҳазрат (с) истодам. Маро бо дасташ ба тарафи росташ гузаронид. Он гоҳ панҷ ракъат намоз гузорид ва пас аз он боз ду ракъати дигар гузорида, боз ба хоб рафт, то он ки садои хоб кашидани ӯро шунидам. Дар ин вақт ӯро барои намози бомдод хабар карданд, бархоста ба намоз рафт» (Саҳеҳи Бухорӣ, 117, 138, 183, 697, 698, 699; Саҳеҳи Муслим, (763)-181; Сунани Абудовуд, 1357; Сунани Насоӣ, 1619).

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 722, 723; Саҳеҳи Муслим, 974 (433)-124; Сунани Абудовуд, 668; Сунани Насоӣ, 814, 815, 845; Сунани Ибни Моҷа, 993.

Дар ривояти дигар омадааст: ***«Ва дар намоз сафро барпо доред, ки барпо доштани саф аз ҳусни намоз аст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 722; Саҳеҳи Муслим, 976 (435)-126). Аз Анас ривоят шудааст, ки намоз барпо шуд ва расули Худо (с) ба мо рӯй оварда фармуд: ***«Сафҳоятонро барпо доред ва бо ҳам фишурда ва наздик шавед, зеро ман шуморо аз пуштам мебинам»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 719). Анас – ровии ҳадис дар ривояти дигар афзудааст: Пас яке аз мо китфашро бо китф ва қадамашро бо қадами соҳибаш мечаспонд (Саҳеҳи Бухорӣ, 725).

Ноҳамоҳангӣ ва нобаробарии сафҳо метавонад ба ноҳамоҳангии дилҳо бианҷомад. Абумасъуди Ансорӣ мефармояд: Расули Худо (с) дар намоз (ҳангоми саф бастан барои намоз) китфҳои моро бо дасташ рост мекард ва мефармуд: ***«Рост биистед ва ба ноҳамоҳангӣ дар сафҳоятон роҳ надиҳед, зеро он ба ноҳамоҳангӣ дар дилҳоятон меанҷомад!»***.[4]

Аз назари равоншиносии муосир роҳу равиш ва амалҳои зоҳирии инсон дар ҳолатҳои равонӣ ва сохтори ботинии вай таъсир мегузоранд, вақте рафтори нек дошта ва амалҳои хуб анҷом диҳад, ботинаш низ пок мегардад ва замираш бо некиҳо парвариш меёбад. Бадиҳо ва роҳу рафтори нописанд низ дар ботини инсон таъсири номатлуб мегузоранд, таодули равониро дар вай ба ҳам мерезанд ва қалбу замирашро бо андешаҳои носолим ва хафоёи бад мепӯшонанд. Ислом низ бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолати таъсирпазирии равонии шахс бо завоҳир ӯро ба анҷоми амалҳои нек ва дурӣ аз муҳитҳои олуда ба гуноҳ амр кардааст ва чӣ тавре мебинем, дар ин ҷо ҳамин ноҳамгунӣ дар сафро мӯҷиби парокандагии дилҳо ва заминасози ихтилофоти амалӣ донистааст.

Намозгузорон бояд нахуст саффи аввалро пур намоянд, пас аз он ба саффи дуюм гузаранд ва дар сафҳои пеш халал ва фурҷа (холиги)-е боқӣ нагузоранд. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Саффи аввалро комил намоед, он гоҳ сафферо, ки баъд аз он аст ва агар нақсе буда бошад, бигузор дар саффи охир бошад»***.[5] Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Касе сафферо васл намояд, Худо ӯро васл созад ва касе сафферо қатъ намояд, Худо ӯро қатъ созад»***.[6]

Имомро мустаҳаб аст, ки пеш аз гуфтани такбири таҳрима ба саффи намозгузорон нигоҳ кунад ва агар дар он халал ва ноҳамоҳангие бошад,

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 717; Саҳеҳи Муслим, 971 (432)-122; Сунани Абудовуд, 662, 663; Сунани Тирмизӣ, 227; Сунани Насоӣ, 809, 810; Сунани Ибни Моҷа, 994. Ин ҳадис дар Бухорӣ ба ривояти Нуъмон ибни Башир омадааст.

[5] Сунани Абудовуд, 671; Сунани Насоӣ, 818. Санадаш саҳеҳ аст.

[6] Сунани Абудовуд, 666. Санадаш ҳасан аст.

онро рост намояд ва намозгузоронро ба эътидол ва тасвияи сафҳо тавсия кунад.

Дар пушти сари имом дар саффи аввал бояд соҳибони ақлу хирад ва донишмандон қарор гиранд. Дар ҳадиси Абумасъуди Ансорӣ омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Соҳибхирадон ва боақлон аз пушти ман биистанд, сипас онҳое, ки ба эшон наздиктар ва наздиктаранд»***.[1] Бинобар ин, равиши маснун ва яке дигар аз мустаҳаббот ва ё ҳусн ва камоли намоз ин аст, ки шахсиятҳои аҳли илм ва боақл аз пушти имом дар саффи аввал биистанд. Назари аиммаи ҳанафӣ бо истинод ба ин ҳадис он аст, ки пеш гузаронидан ба саффи аввал ва ҷои худро додан ба шахсиятҳои аҳли илм ва соҳибхирад ҷоиз аст, зеро вақте саффи аввал бо ҷавонон ва одамони одие, ки пештар ба масҷид омадаанд, пур шуда бошад ва ҷои худро ба дигарон надиҳанд, пас чигуна ба ин ҳадис амал мешавад ва аҳли илм ва соҳибхирадон аз пушти имом меистанд!?.[2]

Аммо бо иҷбор ва дили нохоҳ хезонидани шахсе ва нишастан ба ҷои ӯ бо иттифоқи тамоми аҳли илм макрӯҳ аст ва паёмбари акрам (с) дар ҳадисе аз он наҳй намудааст: ***«Мард марди дигареро аз ҷояш нахезонад ва худаш дар он бинишинад*** ва дар ривояти дигар омадааст: (Лекин бигӯяд): ***Васеътар бинишинед ва ҷой намоед!»***.[3]

Аз одоби намоз яке ин аст, ки вақте дар иқомат «Ҳайя ъала-л-фалоҳ» гуфта шуд, имом ва муқтадиён аз ҷой бархезанд, магар ин ки имом муқим (қоматгӯ) низ бошад, пас муқтадиён баъди итмоми иқомат аз ҷой бармехезанд ва вақте «Қад қомати-с-салот» гуфта шуд, имом ва қавм ба намоз шурӯъ намоянд. Агар имом таҳрима – шурӯъ дар намозро каме ба таъхир андозад, то муқим иқоматро ба итмом расонад, бо иҷмоъ (-и фуқаҳо) боке надорад ва ин миёнатарини мазоҳиб ва саҳеҳтарини қавлҳост. Зеро дар ин сурат фазилати мутобиати муаззин (ки иқомат гуфта) аз имом ҳифз гардида ва дар шурӯи намоз ҳамроҳи имом ба ӯ ёрӣ шудааст.[4]

ВАЗИФАИ ИМОМ

Имом бояд ҳоли намозгузорони ҳамроҳи худро риоя намояд ва қироатро аз андозаи маснуни (суннатии) он дароз нанамояд, ҳамчунин рукӯъ ва суҷудро бо афзудани зикрҳои иловагӣ ва ё зиёд намудани адади онҳо аз андозаи суннат дарозтар насозад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар касе аз шумо вақте бо мардум намоз мехонад (ва барои онҳо имоматӣ менамояд), намозро сабук бигирад, зеро дар миёни онҳо одамони заъифу нотавон, бемор ва пирамардони солхӯрда вуҷуд доранд. Вале вақте барои худ танҳо намоз мегузорад, ҳар қадаре бихоҳад, онро дароз намояд»***.[5]

Шартҳои дуруст шудани имомат шаш чиз аст:

а) Ислом, **б)** балоғат, **в)** ақл, **г)** мард будан, **д)** қудрати хондани Қуръон доштан ва **ж)** солим будан аз узрҳо.

Мас., имом набояд хунравии ҳамешагӣ аз бинӣ ё дигар узрҳоеро, ки дар боби «**Маъзур**» баён гардидаанд, дошта бошад ва ё нимагунг ва ё лакнати забон – фаъфаа, тамтама ва ё ласға дошта бошад.[6]

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 971 (432)- 122. Дар Саҳеҳи Муслим аз Абдуллоҳ ибни Масъуд низ ҳадисе бо ин лафз ривоят шудааст (Саҳеҳи Муслим, 973 (432)-123).

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 372, 373. Матлаби фӣ ҷавози-л-ийсор билқурб.

Аммо назди аиммаи шофеъӣ ва ҳанбалӣ ийсор ба баҳраҳои нафс ва умури дунё хуб ва ситуда аст, на дар қурбатҳо, ба монанди саффи аввал, оби таҳорат ва ё сатри аврат, балки ийсор дар онҳо ва муқаддам доштани дигарон бар худ, макрӯҳ ва хилофи авло аст ва ҳар шахс худаш ба он авлотар аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 33. – С. 103, 104). Аз Ибни Умар (рз) дар асаре ривоят шудааст: Вай бад медид (макрӯҳ медонист), ки касе аз ҷояш бархезад ва ӯро дар ҷои худ бишинонад (Саҳеҳи Бухорӣ, 6270). Нававӣ онро аз вараъ ва тақвои ӯ донистааст, на аз боби кароҳият (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 14. – С. 224-227).

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 911, 6269, 6270; Саҳеҳи Муслим, 5647-52 (2177-78)-27-30.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 216–217.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 90, 702, 703, 704, 7159; Саҳеҳи Муслим, (467)-183; Сунани Абудовуд, 794, 795; Сунани Насоӣ, 822; Сунани Ибни Моҷа, 984.

[6] Фаъфаа ба маънои такрори ҳарфи «фо» ва тамтама ба маънои такрори ҳарфи «то» дар вақти талаффуз аст. Ласға ба маънои нотавонии шахс аз талаффузи дурусти ҳарфи «син» ва «со» ва ё «ро» ва «ғайн» аст, ба ин маъно, ки забонаш дар вақти талаффузи ҳарфи «син» бо «со» ва «ро» бо «ғайн» бипечад.

ТАБЛИҒ АЗ ҚАФОИ ИМОМ

Аз суннатҳои намози ҷамоат яке баланд гуфтани такбир, тасмеъ ва салом аз сӯи имом аст, то намозгузорон садои ӯро шунида ба ҷамоат ҳамроҳ шаванд. Баланд гуфтани такбири таҳрима ва такбироти интиқолот ба маънои эълони духули имом дар намоз аст ва вақте дар ҷамоатҳои бузург садояш ба намозгузорон дар сафҳои дур нарасад, мустаҳаб аст яке аз намозгузорон, ки садои имомро мешунавад, онро такрор намояд, то ҳамаи намозгузорон ба ӯ иқтидо ва дар рафти баргузории намоз аз вай пайравӣ намоянд.

Имом бояд бо такбири аввал – таҳрима ҳам духул дар намоз ва ҳам эълони дигаронро ният намояд ва агар танҳо эълони дигаронро ният карда таҳрими намозро дар назар надошта бошад, намозаш дуруст намегардад. Шахси мубаллиғ низ бояд бо такбираш ҳамзамон ҳам нияти духул дар намоз ва ҳам қасди шунавонидани дигаронро намояд. Аммо дар такбироти интиқолот ва тасмеъ истимрори ин ният шарт нест.

Мубаллиғ (расонанда) дар тамоми мавридҳо такбири имомро такрор менамояд, магар дар қиём аз рукӯъ, ки дар он пас аз тасмеъи имом таҳмид[1] мегӯяд. Аз Ҷобир (рз) ривоят шуда, ки ***«Расули Худо (с) бо мо намоз гузорид ва Абубакр дар қафояш буд, вақте такбир мегуфт, Абубакр ҳам (баланд) такбир мегуфт, то моро бишунавонад»***.[2]

Истифода аз баландгӯй (микрофон) дар замони муосир ҷоиз аст ва он кори таблиғ – расонидани такбири таҳрима, такбироти интиқолот, қироат ва дигар калимаҳоеро, ки аз сӯи имом дар намоз баланд гуфта мешаванд, ба намозгузорон дар сафҳои дур ва берун аз масҷид осон намудааст. Ба қавли ҷумҳури уламои муосир иқтидо ба имоме, ки садояш аз тариқи баландгӯй шунида мешавад, вақте дигар шароити баргузории намози ҷамоат таҳаққуқ ёфта бошанд, ҷоиз аст ва ҳеҷ боке надорад. Аммо иқтидо ба имоме, ки садои ӯ бо нашри мустақим аз тариқи телевизион ва ё радио пахш карда мешавад, ҷоиз нест. зеро садои ӯ пас аз табдил шудан ба мавҷҳои эфирӣ ва дубора ба мавҷҳои савтӣ ба василаи дастгоҳ пахш гардидааст ва он садои эфирӣ аст, на садои тақвиятшуда ба баландгӯй. Ба ин маъно ки имоме, ки садояш дар эфир ба таври мустақим пахш мешавад, барои шунаванда ва бинандаи ӯ аз эфир имоми ҳозир ба шумор намеравад.

Гуфтани азон ва иқома ва хондани хутбаи ҷумъа ва ғайра низ бо баландгӯй ҷоиз аст ва дар ин давру замон, ки масҷидҳо хеле бузург ва намозгузорон зиёд шудаанд, барои расонидани садои имом ва муаззин ба шунавандагон беҳтарин васила ба шумор меравад.

АҲКОМИ НАМОЗИ ҶАМОАТ

- Имоми ҷамоат шудани ғулом, аъробӣ (шахси саҳронишине, ки аз илм баҳрае надорад), фосиқ, нобино, бидъатгузор, валадуззинои бесавод ва касе, ки намозро бисёр дароз мекунад, макрӯҳ аст.[3]

- Имом намози ҷамоатро, ҷуз дар намози бомдод, дароз накунад.

[1] Тасмеъ ба маънои «Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ» ва таҳмид ба маънои «Раббано, лака-л-ҳамд» гуфтан аст.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 797; Саҳеҳи Муслим, 928 (413)-85.

[3] Авлавият дар амри имоматӣ дар шаръ бар пояи фазоили шаръӣ ва камоли инсонӣ дар шахсияти имом бино ёфтааст. Бинобар ин, ҳар касе комилтар ва фазоили бештаре дошта бошад, барои имоматӣ аз дигарон авлотар аст. Агар шахси аз ҷиҳати фазлу камол поёнтар дар ҳузури шахси комил ва фозил имоми намоз шавад, намоз ҷоиз мешавад, вале бо кароҳият, дар ҳоле ки азони шахси мафзул дар ҳузури фозил кароҳияте надорад.

Имоматии ғулом барои он кароҳият дорад, ки вай барои таҳсил ва омӯзиши илм фурсат намеёбад, аъробӣ барои он, ки вай аҳли бодия ва воҳот мебошад ва бар сокинони он ҷойҳо ҷаҳлу бесаводӣ ғолиб аст, фосиқ барои он, ки ба корҳои динӣ эҳтимоме намедиҳад, нобино барои он, ки ғолибан худро аз наҷосат ва нопокиҳо пок нигаҳ дошта наметавонад, бидъатгузор (ба бидъати ғайри мукаффира) бошад, дар ин маврид ҳамон иллати фосиқ, балки бештар аз ӯро дорад ва валадуззино мавриди нафрати ҷамоат аст. Аммо вақте ғулом аз озодагон, аъробӣ аз шаҳрнишинон, валади зино аз рошидон ва нобино аз биноён илму дониши бештар дошта бошанд ва шахси нобино илова бар ин, битавонад худро аз наҷосатҳо дур нигаҳ дорад, пас имоматии онҳо ҳеҷ гуна кароҳияте надорад. Аммо кароҳият аз шахси фосиқ ва бидъатгузор, то аз фисқу бидъати худ тавба накунанд ва ба рушду салоҳ барнагарданд, бартараф намегардад.

Аз он ҷо ки ҳаққи тақаддум дар имоматӣ бар пояи камол ва фазилат бино ёфтааст, назди моликиён ва шофеъиён имоматии одами дасту по бурида, шал, ақлаф (хатнаношуда) ва назди баъзе аимма одамони гирифтори бемориҳои нафратовар, ба монанди сафедии пӯст (барас), ҷузом, ҷараб (бемории пӯст; кутур, гар) ва ғ. низ дар ҳолати мавҷудияти одамони солим кароҳият дорад.

- Сафҳои ҷамоат ба ин тартиб ташкил мешаванд: Аввал мардҳо, баъд кӯдакон, сипас хунсо[1] ва дар саффи охир занҳо ҷой мегиранд. Агар як кӯдак танҳо бошад, дар саффи мардон ҷой дода мешавад, агар муқтадӣ як мард бошад, дар тарафи рости имом ва бино бар зоҳири ривоят дар мазҳаб дар баробари вай меистад ва ба ривояте аз имом Муҳаммад (рҳ) аз имом каме ақибтар меистад, ба андозае, ки нӯги ангуштонаш бо ақиби пойҳои имом баробар шаванд, агар муқтадиён ду мард ва ё як мард ва як кӯдак бошанд, дар пушти имом дар як саф меистанд. Аз Анас (рз) ривоят шуда, ки расули Худо ба хонаамон омад ва фармуд: ***«Бархезед, то баромадон намоз гузорам!... Пас дар рӯи бурёе ба намоз истод ва ман ва ятимбача аз қафояш саф бастем ва пиразан (бибиаш Мулайка) аз қафои мо...»***.[2] Ин ривоят афзалияти саф бастани муқтадиёнро дар пушти имом, вақте ду нафар бошанд, ифода мекунад. Дар асари дигаре аз Асвад ва Алқама ривоят шуда, ки фармуданд: *«Назди Абдуллоҳ ибни Масъуд дар ҳавлиаш омадем. Гуфт: Оё инҳо аз пуштатон намоз гузориданд!? Гуфтем: Не! Гуфт: Пас бархезед ва намоз бигузоред ва моро ба азон ва иқомате амр накард. Ва рафтем, то аз пушташ биистем, пас аз дастонамон баргирифт ва якеамонро аз тарафи росташ ва дигареро аз тарафи чапаш ҷой дод ...»*.[3] Ин асар ба ҷоиз будани саф гирифтани муқтадиён дар ду тарафи имом, вақте ду нафар бошанд, далолат мекунад.

- Агар зан дар намози ҷамоат дар хатти баробар бо имом, яъне дар паҳлӯи вай қарор гирад, ба шарте ҳар ду як намоз бигузоранд, имом имоматиро барои он зан ният карда бошад ва муҳозот ба андозаи анҷоми як рукн идома ёбад,[4] намози имом ва қавм ҳар ду ботил мегардад. Зеро вақте намози имом ботил гардид, намози қавм ҳам ботил мегардад, зеро намози қавм бар намози имом бино ёфта ва дар сиҳҳату фасод тобеи он аст. Вале агар имоматиро барои он зан ният накарда бошад, танҳо намози зан ботил шуда ва намози имом ва қавм дуруст боқӣ мемонад. Ҳамчунин агар имом ва ё муқтадие, ки зан дар муҳозоти вай истодааст, бо дасташ ӯро ба ақиб истодан ишора намояд ва вай ақиб наравад, дар ин сурат ҳам намози мард дуруст аст ва намози худи зан фосид мегардад. Манзур аз муҳозоти зан бо мард дар қавли роҷеҳ назди фақеҳон баробарии қадами зан бо қадами мард ва дар ривояте бо яке аз узвҳои мард аст.

Агар зане дар баробар, яъне дар паҳлӯи яке аз намозгузорон дар саффи намоз истад ва имом низ имоматиро барои ӯ ният карда бошад, намози он мард аз рӯи истеҳсон ботил мегардад,[5] на намози зан. Ба ин сурат, агар як

---

[1] Хунсо ҷамъаш хуносо ба одамоне гуфта мешавад, ки бо ду узви таносулии мардона ва занона таваллуд шудаанд, яъне узвҳои таносулии наринагӣ ва модинагӣ ҳар ду дар онҳо мавҷуд мебошанд; гермафродит.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 380, 860; Саҳеҳи Муслим, 1497 (658)-266.

[3] Саҳеҳи Муслим, 1191 (534)-26.

[4] Қайди идомаи муҳозот ба андозаи як рукн барои фосид шудани намоз қавли имом Муҳаммад (рҳ) аст, назди имом Абуюсуф (рҳ) мутлақи муҳозот, кам ҳам бошад, намозро фосид мегардонад (Поварақии Ҳидояи шариф. Ҷ. 1. – С. 240, ба нақл аз Маҷмаъу-л-анҳур. Ҷ. 1. – С. 166).

[5] Назди машоихи ҳанафӣ дар саффи алоҳида ва аз қафои мардон истодани занон фарз дониста шудааст. Агар ин тартиб дар намоз риоя нагардад ва зане дар паҳлӯи имом ва ё дар саффи мардон дар паҳлӯи марде қарор гирад, намози онҳоро фосид мегардонад. Вақте намози мардеро, ки дар паҳлӯяш аст, фосид гардонд, намози марди дар пушт бударо ба тариқи авло фосид мегардонад.

Муҳозот дар луғат ба маънои дар баробар ва ё муқобил – рӯ дар рӯи касе ва ё чизе қарор гирифтан ва баробари ҳам шудани чизе ба чизи дигар аст (Маҳмуд Абдурраҳмон Абдулмунъим, Муъҷаму-л-мусталаҳот вал-алфози-л-фиқҳия. – Ҷ. 3. – С. 223. – Қоҳира: Дорулфазила, 1999; Муҳаммад Муъин, Фарҳанги форсии Муъин. – Ҷ. 3; Луғатномаи Деҳхудо, Нусхаи электронии он, ривояти чаҳорум; Муҳаммад Подшоҳ мутахаллис ба Шод, Фарҳанги ҷомеъи форсии Онандроҷ. – Ҷ. 6. – Теҳрон, 1363 ш.; Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Ҷалолуддин ибни Шарафуддини Ромпурӣ, Ғиёсуллуғот (ба кӯшиши Мансури Сарват). – Теҳрон: Интишороти Амир Кабир, 1375 ш.) ва дар истилоҳи фиқҳӣ ба чанд маъно омадааст, ки яке аз онҳо дар рӯ ба рӯ ва ё дар баробар ва паҳлуи марди намозгузор қарор гирифтани зане дар намоз аст. Муҳозот вақте фосидкунандаи намоз аст, ки бино ба гуфтаи фуқаҳо дар он нуҳ шарт фароҳам оянд: 1. Имом имоматиро барои он зан ният карда бошад; 2. ҳоил ё фурҷа (фосила)-е онҳоро аз ҳам ҷудо насохта бошад, яъне зан бевосита дар паҳлӯи мард саф гирифта бошад; 3. зан шаҳватовар бошад, хоҳ маҳрам ва ҳамсари он мард бошад, хоҳ зани бегона; 4. он ба миқдори адои рукне идома ёбад; 5. ҳар ду дар намози муштарак – дар як намоз бошанд ва ба як имом иқтидо карда бошанд; 6. намози мутлақ – бо рукӯъ ва суҷуд бошад; 7. ҳар ду дар

зан дар саффи мардон ҷой гирад, намози се мард – ду нафар аз чапу рост ва як нафар аз пушташ дар саффи баъдиро ва ду зан намози чаҳор мард – ду нафар аз чапу рост ва ду нафар аз пуштро фосид месозанд. Агар занон саффи комилеро ташкил диҳанд, намози мардонеро, ки аз пушти онҳо саф мегиранд, то саффи охир фосид месозанд, зеро иқтидои онҳо бо имом ба сабаби ин ҳоил дуруст намегардад. Аммо дар бораи ин, ки се зан оё танҳо намози се нафари пушташонро аз саффи баъдӣ фосид месозанд ва ё саффи комил ба шумор рафта намози тамоми сафҳоро то охир фосид месозанд, ихтилофи назар вуҷуд дорад.

Ин назари машоихи ҳанафӣ дар бораи пайвастани зан ба намози ҷамоат аст. Дар назди ҷумҳури мазоҳиб – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ муҳозоти зан бо мардон дар саффи намоз танҳо кароҳият дорад, вале на намози онҳоеро, ки дар паҳлӯ ва пушти вай истодаанд, фосид мегардонад ва на намози худаш фосид мегардад. Ҳамчунин аз назари онҳо нияти имом имоматии занонро барои пайвастан ба ҷамоат шарт донист нашудааст, балки онҳо ҳам ба мисли мардон бо нияти иқтидо ба намози имом ҳамроҳ мегарданд ва вуҷуди саффе аз занон дар байни сафҳои мардон ҳоили монеъ аз дуруст гардидани иқтидо ба шумор намеравад.[1]

як макон бошанд; 8. мард ӯро ба тааххур – ақиб рафтан аз саф ишора накунад; 9. муҳозот, вақте муфсиди намоз аст, ки зан оқила бошад, агар вай ноқисулақл ва ё девона бошад, муҳозоташ бо мард намозро фосид намегардонад, зеро таклиф аз вай соқит аст.

Агар шарти аввал мавҷуд набошад, яъне имом имоматиро барои он зан ният накарда бошад, дар он сурат намозҳои онҳо аз ҳам ҷудо буда, дар намози якдигар таъсири фосидкунанда надоранд, гарчи он кароҳият дорад. Агар имом имоматиро барои он зан ният карда бошад, вале вақте онҳо дар баробари ҳам қарор мегиранд, дар миёни онҳо ҳоил ва ё ба андозаи гунҷоиши як намозгузор фосила (фурҷа) воқеъ шуда бошад, дар ин сурат низ намози мардро фосид намесозад. Агар зан ҳанӯз ба синни шаҳватоварӣ нарасида бошад, муҳозоти вай бо мард дар намоз вайро фосид намегардонад. Агар пас аз вуқӯъи муҳозот зан дарҳол ба ақиб равад, назди имом Муҳаммад (рҳ) намозро фосид намекунад. Агар дар як намоз набошанд ё зан ба имоми мард иқтидо накарда бошад, намози онҳо аз ҳам ҷудо буда, дар намози мард таъсири фосидкунанда надорад, чуноне баён гардид. Агар намозашон мутлақ набошад, муҳозоти зан бо мард онро фосид намегардонад, ба монанди намози ҷаноза, ки он ба манзалаи дуое барои маййит аст ва муҳозоти зан бо мард дар он, гарчи кароҳият дорад, вале онро фосид намекунад. Агар намозашон яке ва намози мутлақ буда, вале онҳо дар маконҳои мухталиф истода бошанд, ки ҳолати муҳозоти комилро аз байн бибарад, он низ намозро фосид намегардонад. Мас., зан дар суффаи баланде ва мард дар замин саф баста бошанд, ки дигар дар он, ба гуфтаи Зайлаъӣ, ба қавли роҷеҳ ва муътабар, муҳозоти по ба по – соқ ба соқ ва буҷул ба буҷул сурат нагирифта бошад, намози мардро фосид намегардонад. Дар таърифи ҳадди муҳозот, он гуна ки Абдулҳаййи Лакнавӣ дар таълиқоти худ бар «Ҳидоя», соҳиби «Маҷмаъу-л-анҳур» ва дигарон ба нақл аз он зикр кардаанд, гуфта шуда, ки узве аз зан ба узве аз мард муҳозӣ – баробар шавад. Пас бино бар ин таъриф, бо вуҷуди ихтилофи маконҳо, агар камтарин ҳадде аз муҳозот сурат гирад, намози мард фосид мешавад. Агар мард пас аз муҳозот дарҳол – ба миқдори адои як рукн нагузашта, ба тааххури вай ишора кард, чуноне дар матн баён гардид ва вай ба ақиб нарафт, пас намози зан фосид мегардад, на намози мард (ал-Ҳидоя шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ маъа шарҳи-л-аллома Абдулҳайй ал-Лакнавӣ. – Ҷ. 1. – С. 370. – Карочӣ: Идорату-л-Қуръони ва-л-улуми-л-исломия, 1417 ҳ.; Ҳасан ибни Аммор ибни Алии Шурунбулолӣ, Мароқи-л-фалоҳ би имдоди-л-фаттоҳ, шарҳу Нури-л-эзоҳ ва наҷоти-л-арвоҳ. – С. 120. – Бейрут, 2004; Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Сулаймон ал-Калибулӣ алмадъув би Шайхизода ал-Ҳанафӣ алмаъруф би Домод Афандӣ, Маҷмаъу-л-анҳур фӣ шарҳи Мултақа-л-абҳур. – Ҷ. 1. – С. 166–167. – Бейрут, 1998; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 36. – С. 173–174).

Ёдовар мешавем, ки зоҳири ривояти мазҳаб он аст, ки агар марде ба имом иқтидо намояд, бе ҳеҷ гуна шарте, ба ҷуз нияти иқтидо, вориди намози ҷамоат ва тобеи имом мегардад, вале агар зане бихоҳад ба намози ҷамоат бипайвандад, нияти имом имоматиро барои ӯ шарт дониста шудааст. То имом имоматиро барои он зан ният накунад, вай ҳамроҳи ҷамоат ба шумор намеравад.

Дар поварақии «Ҳидоя» (Ҷ. 1. – С. 240-242) дар боби имомат омадааст, ки нияти имоматии имом барои зан вақте шарт дониста шуда, ки он зан бо имом муҳозӣ – баробар ва дар паҳлӯи вай бошад, ҳамчунин вақте дар пушти имом саф гирифта ва дар паҳлӯяш марде буда бошад, аммо агар зан ба танҳоӣ дар пушти сари имом – дар саффи алоҳида биистад ва марде дар он саф набошад, дар ин сурат ду ривоят вуҷуд дорад. Бар асоси яке аз онҳо нияти имом барои қабули имоматии вай дар ин ҷо низ шарт аст ва бар асоси ривояти дуюм дар ин ҳолат нияте аз сӯи имом зарурат надорад. Зан метавонад бе нияти имом ба ҷамоат бипайвандад ва намозаш дуруст мегардад.

[1] Дар ривоёти Суннат далели сареҳ ва бевоситае дар исботи ҳукми фасоди намоз ба сабаби муҳозоти занон бо мардон ворид нашудааст, вале машоихи ҳанафӣ онро аз рӯи истеҳсон ҳукм карда ва зимнан аз ҳадиси ***«Ва онҳоро ба ақиб ва охир бибаред, аз он ҷо ки Худо онҳоро дар охир гузоштааст»*** (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувай-

Имрӯз ба сабаби балвои ом ва адами имкони ҷудо сохтани сафҳои занону мардон аз якдигар дар Масҷидулҳаром дар ин масъала ба назари ҷумҳур амал мешавад ва вуҷуди сафҳои занон мӯҷиби фасоди намози мардон дар сафҳои баъдӣ дониста намешавад.

ТАКРОРИ ҶАМОАТ ДАР МАСҶИД

Дар назди ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат, аз ҷумла бузургони мазҳаби ҳанафӣ такрори ҷамоат дар масҷиди маҳаллае, ки имом ва муаззини доимӣ дошта бошад, барои аҳли он маҳалла макрӯҳи таҳримӣ аст, дермондагон намозашонро бояд танҳо-танҳо бигузоранд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) аз (баъзе) гӯшаҳои Мадина рӯй оварда, мехост намоз бигузорад, вале мардумро дид, ки намозро гузоридаанд, пас ба хонааш баргашт ва аҳли хонаводаашро гирд оварда бо онҳо намоз гузорид.[1] Ба гуфтаи Айнӣ дар Умда (Ҷ. 5. – С. 247) ин қавли Молик, Лайс, Ибни Муборак, Суфёни Саврӣ, Авзоъӣ, Абуҳанифа ва Шофеъӣ мебошад.[2] Дар назди имом Абуюсуф (рҳ) ҷамоати дуюм вақте дар рақобат бо ҷамоати аввал баргузор нашуда ва шаклан аз он фарқ намояд, ба ин тариқ ки он дар пеши меҳроб баргузор нашуда ва бароях азону қомат ҳам гуфта нашавад, ҷоиз аст ва кароҳияте надорад ва илло макрӯҳ аст.

Аммо дар масҷидҳои сари роҳҳо, бозорҳо ва он масҷидҳое, ки имом ва муаззини доимӣ надоранд ва намозҳо ба таври мураттаб дар онҳо барпо дошта намешаванд, такрори ҷамоат боке надорад. Ҳамчунин агар дар масҷиди маҳалла чанд тан мусофир ва одамоне ғайритаҳҷоӣ пеш аз аҳли он бо амри зарурат ҷамоате барпо доранд ва ё пас аз баргузории намоз аз сӯи аҳли маҳал ба он ҷо бирасанд ва ҷамоати дигаре барпо намоянд, ҷоиз аст ва ҳеҷ кароҳияте надорад. Агар гурӯҳе аз аҳли маҳалла низ бе азону қомат ва ё бо паст гуфтани азону қомат ҷамоати дигаре барпо намоянд, ба қавли баъзе фатово кароҳияте надорад.[3]

Баргузор намудани ҷамоати дуюм аз назари имом Аҳмад (рҳ) ва Исҳоқ (рҳ) дар тамоми ҳолатҳо дуруст аст ва ба гуфтаи Тирмизӣ назари чандин нафар аз саҳобагони паёмбар (с) ва тобеин низ он аст, ки гузоридани намоз бо ҷамоат дар масҷиде, ки дар он ҷамоати дигаре қаблан барпо шудааст, боке надорад. Зеро дар ҳадисе ба ривояти Абусаъид (рз) омадааст: «Марде (ба масҷид) омад, дар ҳоле ки расули Худо (с) намозро гузорида буд. Фармуд: ***«Чӣ касе мехоҳад дар ин кор аҷр ба даст оварад (ва ё барои ӯ (шахси нав омада) аҷри ҷамоатро ҳосил намояд?*** Марде бархост ва бо ӯ намоз гузорид».[4] Аз саҳобагон Абдуллоҳ ибни Масъуд (рҳ) ва Анас ибни Молик (рҳ) бар ин назар буданд (Туҳфаи аҳвазӣ. Ҷ. 2. – С. 11) ва ба гуфтаи Айнӣ қавли Ато (ибни Абурабоҳ) ва дар ривояте Ҳасан (-и Басрӣ) низ ҳамин будааст.[5]

тия. – Ҷ. 6. – С. 21, ба нақл аз Мусаннафи Абдурраззоқ, Фатҳулборӣ, – Ҷ. 2. – С. 613, 614), истинбот намудаанд, ба ин маъно ки дар амри ба ақиб бурдани занон мардон мухотаб қарор гирифтаанд ва чун онҳоро пас аз худ ҷой накунанд, амри шаръ хилоф гардида, ба сабаби он (муҳозот) намози мардон бо он шароите, ки дар китобҳои фиқҳ дар ин бора зикр шудааст, фосид мегардад. Ҷумҳури мазоҳиб низ ин амрро зарур ва муҳозоти занон бо мардонро дар саффи намоз макрӯҳ шуморидаанд, вале онро мӯҷиби фасоди намоз надонистаанд. Ҳадиси фавқ дар поварақии Ҳидояи шариф ғайримарфӯъ, балқи мавқуф бар Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) гуфта шудааст (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 238).

[1] Маҷмаъу-з-завоид, 2177. – Ҷ. 2. – С. 135. Ҳадисро Табаронӣ дар Муъҷаму-л-авсат (4601) аз Абубакра (рз) ривоят кардааст. Ҳарчанд баъзе муҳаддисон санади онро заъиф гуфта, вале Ҳайсамӣ дар «Маҷмаъ» ровиёни онро сиқа гуфтааст.

[2] Дар ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 12. – С. 229-230 низ ба нақл аз Рад(д), Равзату-т-толибин ва Мавоҳибу-л-ҷалил назари фавқ баён шудааст.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 79, 342-344; Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 458-459.

[4] Сунани Тирмизӣ, 220. Бино бар ривояти Байҳақӣ дар Сунани Кубро (Ҷ. 3. – С. 69) он шахс Абубакри Сиддиқ (рз) буда, ки намозро қаблан ҳамроҳи расули Худо (с) гузорида буд.

[5] Умдату-л-қорӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 5. – С. 246.

Ибни Абушайба дар Мусаннаф (7175. – Ҷ. 3. – С. 283) овардааст: Ибни Масъуд дохили масҷид шуд (ва дид), ки намозро гузоридаанд, пас бо Алқама, Масруқ ва Асвад ҷамоат кард. Бухорӣ низ дар Саҳеҳ овардааст, ки Анас ба масҷиде омад, ки дар он намоз гузорида шуда буд, пас азон ва қомат гуфт ва намозро бо ҷамоат гузорид (Саҳеҳи Бухорӣ, боби фазли намози ҷамоат, таълиқи ҳадиси 645).

ИМОМАТИИ ПИСАРБАЧАИ НОБОЛИҒ

Назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва ҳанбалӣ яке аз шартҳои сиҳҳати имоматӣ дар намозҳои фарз булуғ аст ва бар ин асос имоматии писарбачаи ноболиғ барои намозгузорони болиғ дар намозҳои фарз дуруст нест.[1] Зеро он ҳоли камол аст, ки ноболиғ ҳанӯз аҳли он нагаштааст. Гузашта аз ин, намози шахси ноболиғ нафл ба шумор меравад ва иқтидои фарзгузор ба нафлгузор назди ҷумҳур ҷоиз нест.

Дар ғайри фарзҳо – намозҳои нофила, ба монанди намози кусуф, таровеҳ ва ғ. назди ҷумҳури аиммаи моликӣ, ҳанбалӣ, шофеъӣ ва баъзе фақеҳони ҳанафӣ (машоихи Балх, камо фи-л-Ҳидоя. Ҷ. 1. – С. 238) имоматии писарбачаи ноболиғе, ки ба синни тамйиз расида бошад, барои намозгузорони болиғ ҷоиз аст, зеро дар ин сурат бинои қавӣ бар заъиф нашудааст. Вале қавли мухтор он аст,[2] ки имоматии писарбачаи ноболиғ, гарчанде ба синни тамйиз расида бошад ҳам, барои намозгузорони болиғ дар намозҳои нафл низ, ба монанди кусуф, таровеҳ ва ғ. ҷоиз нест,[3] зеро нафли ноболиғ заъифтар аст ва бо шурӯъ воҷиб намегардад ва нафли муқтадии болиғ қавӣ аст, ки бо шурӯъ воҷиб мегардад.

Назди бузургони шофеъӣ барои сиҳҳати имоматӣ булуғ шарт набуда ва имоматии ноболиғи ба синни тамйиз расида барои намозгузорони болиғ дар фарзу нафл ҳар ду ҷоиз аст. Ривоят шуда, ки ***«Амр ибни Салама, ки писарбачаи шаш ва ё ҳафтсолае буда, дар аҳди расули Худо (с) қавмашро имоматӣ мекард»***.[4] Аммо имоматии

---

[1] Ҷумҳури аимма дар ин бора ба ҳадиси дигаре аз расули Худо (с) истинод кардаанд, он ҷо ки фармуда: ***«Кӯдакон ва сафеҳонатонро дар намоз пеш надароред!...»***. Ҳадиси мазкур дар Канзулъумол (20390. – Ҷ. 1. – С. 958) ба нақл аз Дайламӣ ривоят шуда ва аз назари ҳадисшиносӣ бисёр заъиф аст ва ба гуфтаи Заҳабӣ дар «Танқеҳ» саҳеҳ нест (Шамсуддини Заҳабӣ, Танқеҳу-т-таҳқиқ фӣ аҳодиси-т-таълиқ. – Ҷ. 1. – С. 255. – Риёз, 2000). Аз Ибни Аббос (рз) низ ривоят шуда, ки: *«Кӯдак то ба эҳтилом (балоғат) нарасад, имоматӣ накунад»*. Ин ҳадис низ мавқуф аст (Сунани Куброи Байҳақӣ, 5650. – Ҷ. 3. – С. 225).

[2] Соҳиби «Ҳидояи шариф» назари машоихи Мовароуннаҳр – Бухоро ва Самарқандро дар ҷоиз набудани имоматии писарбачаи ноболиғ барои намозгузорони болиғ дар тамоми намозҳо – фарз ва нафл бар қавли машоихи Балх тарҷеҳ дода, онро қавли мухтор донистааст. Қавли машоихи Мовароуннаҳр ба эҳтиёт дар ибодат наздиктар ва қавли машоихи Балх дар боби амал васеътар аст, илова бар ин, он барои тарбияи истеъдодҳои зеҳнӣ ва такомули шахсияти илмии кӯдакон муносибтар аст.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 238-239; Радду-л-мухтор. – Ҷ. 2. – С. 387-389.

Ба гуфтаи Аликорӣ дар Миср ва Шом ба қавли машоихи Балх амал мекунанд ва имоматии кӯдаки мумаййизро дар мутлақи намозҳои нафл ҷоиз медонанд (Миркоту-л-мафотеҳ. – Ҷ. 3. – С. 879. – Бейрут, 2010).

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 6. – С. 203, 204, ба нақл аз Фатҳулборӣ.

Ҳадиси Амр ибни Салама дар Саҳеҳи Бухорӣ (4302) ва дигар ҷавомеи ҳадисӣ ривоят шуда, аз назари бузургони шофеъӣ, худи имом Бухорӣ ва ғ. бар ҷавози имоматии шахси ноболиғ далолат мекунад. Ҳодисаи Амр ибни Салама хеле дертар дар даврaҳои охири ислом соли фатҳи Макка буда ва нассе дар бораи мансух шудани он собит нашудааст.

Ваҷҳи истидлол ва эътибори ҷумҳури аимма дар баробари ҳадиси Амр ибни Салама ва тавҷеҳи он ба он шакле, ки дар матнҳои фиқҳӣ баён гардида ва назари онҳо бар адами ҷавози имоматии кӯдаки ноболиғ, чандон равшан нест. Дар шарҳҳои ҷавомеи ҳадисӣ, ба монанди «Шарҳу Сунани Абидовуд» аз Айнӣ, «Умдату-л-қорӣ шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ» аз Айнӣ, «Маолиму-с-сунан шарҳу Сунани Абудовуд» аз Хаттобӣ ва ғ., барои тавҷеҳи назари ҷумҳур ба ду ривоят, яке аз Ибни Аббос (рз): *«Ғулом (писарбачаи ноболиғ), то ба синни эҳтилом нарасад, имоматӣ намекунад»* ва дигаре аз Ибни Масъуд (рз): *«Ғуломе, ки ҳанӯз бар вай ҳадҳо (-и шаръӣ) воҷиб нагаштаанд, имоматӣ намекунад»*, истинод кардаанд, ки ривояти аввал заъиф ва дуввум мавқуф аст. Вале пас аз пайгирии мавзӯъ ва баррасии матнҳои фиқҳӣ ва мароҷеи ҳадисӣ банда ба ин натиҷа расидам, ки он чуноне аз муҳтавои ҳадис ба ривояти Бухорӣ бармеояд, ҳолати хоссе мутааллиқ ба авоили исломи он қавм буда, ки дар он вақт тоза ба омӯзиши Қуръон ва дигар аҳкоми дин, ба хусус масоили намоз, шурӯъ карда буданд, ба ин маъно, ки имоматии вай дар вазъи хос ва аз рӯи изтирор сурат гирифта, чун Амр аз дигарон қоритар буда. Бинобар ин, он ҳолат – имоматии кӯдаки ноболиғ пас аз он аз сӯи саҳобагони киром таъмим бахшида нашуда – дар мавриди дигаре ба он амал нашудааст.

Муҷтаҳидони киром ва аиммаи мазоҳиби фиқҳӣ низ ҳодисаи имоматии Амрро ҳамроҳ бо ҳолати вуқӯи он ва вазъи маърифатии қавмаш арзёбӣ карда ва онро барои исботи ҷавози имоматии шахси ноболиғ дар тамоми ҳолатҳо нокофӣ донистаанд ва дар ин маврид ба мутлақи аҳодисе амал кардаанд, ки кӯдакро пеш аз расидан ба синни балоғат дорои аҳлияти ҳуқуқӣ ва анҷоми таколифи шаръӣ намедонанд. Ривояти Хаттобӣ дар Маолиму-с-сунан: Имом Аҳмад ин кори Амр ибни Саламаро (барои исботи мутлақи ҷавози имоматии шахси ноболиғ) заъиф медонист ва боре ҳам гуфта: Онро бигузор, ки чизи равшане (дар ин бора) нест (Маолиму-с-сунан, шарҳи Сунани Абудовуд. – Ҷ. 1. – С. 169. – Ҳалаб, 1932) ва ривояти Азимободӣ дар Авну-л-маъбуд аз имом

шахси болиғ назди онҳо низ афзал аст.

Имоматии писарбачаи ноболиғ дар намози ҷаноза низ дуруст намегардад, зеро балоғат шарти сиҳҳати он ба шумор меравад. Дар бораи шустани мурда ба василаи шахси ноболиғ низ назари роҷеҳ дар назди машоихи мазҳаб он аст, ки вуҷуби он аз мукаллафони болиғ соқит намегардад, гарчанде он фӣ нафсиҳи ҷоиз ва дуруст аст ва мурда бо он пок мегардад.[1]

Аммо имоматии писарбачаи ноболиғи ба синни тамйиз расида барои амсоли худаш назди ҳамаи аимма ҷоиз аст.

Азони писарбачаи ноболиғе, ки ба синни тамйиз расида, назди аиммаи ҳанафӣ (назди худи имом Абуҳанифа (рҳ) бо кароҳият), шофеъӣ, дар ривояте назди машоихи ҳанбалӣ ва дар мазҳаби моликӣ вақте шахси болиғе дар шинохти вақт ба вай мусоидат намояд, ҷоиз аст, вале пеш аз синни тамйиз на азон ва на имоматиаш дар намозҳои фарз бо иттифоқи тамоми аимма ҷоиз нест.

Ҳамчунин анҷоми корҳои дигаре, ки барои сиҳҳати онҳо булуғ шарт дониста нашудааст, ба монанди забҳи чорво вақте тариқаи забҳ ва гуфтани Бисмиллоҳро сарфаро биравад (бифаҳмад ва дуруст анҷом дода тавонад), гуфтани шаҳодатайн ва додани ҷавоби салом, аз ноболиғ ҳам ҷоиз аст.

ВАЗИФАИ МУҚТАДӢ

Бар муқтадӣ воҷиб аст, ки дар тамоми ҳолатҳо ба таври комил аз имом пайравӣ намояд. Ҳамроҳи имом ният намояд ва ҳамроҳи ӯ рукӯъ, саҷда, қаъда ва тамоми рукнҳои дигари намозро ба ҷой оварад ва якҷоя бо ӯ салом диҳад. Албатта, кӯшиш намояд, ки ин амалҳоро пеш аз имом анҷом надиҳад, балки лаҳза ба лаҳза пас аз вай анҷом диҳад, яъне пеш аз имом ният намудан ва пеш аз вай ба рукӯъу суҷуд рафтан ва ё салом додан ҷоиз нест.

Ҳамчунин бояд муқтадӣ ба он андоза таъхир накунад, ки имом ба рукни дигаре гузарад ва муқтадӣ дар рукни дигаре машғул бимонад. Агар ба ин андоза таъхир намояд ва миёни ӯ ва имомаш фосила афтад, намозаш дуруст намешавад.

Аз Анас (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) рӯзе бо мо намоз хонд ва чун аз намоз фориғ гашт, рӯяшро ба сӯи мо гардонд ва фармуд: *«Эй мардум! Ҳангоми рукӯъ ва суҷуд аз ман пешӣ нагиред…»*.[2]

Аз Абуҳурайра (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: *«Он шахс (-и намозгузор)-е аз шумо, ки сарашро пеш аз имом мебардорад, оё наметарсад, ки Худованд сарашро ба мисли сари хар ва ё сураташро ба сурати хар бигардонад?»*.[3]

Муқтадӣ тамоми рукнҳои намозро ба монанди имом ба ҷой меоварад ва танҳо ҳангоми қироати имом ҳамроҳи ӯ қироат намекунад, балки хомӯшона қироати имомро гӯш менамояд.

Муқтадӣ дар ҳар ҳолате имомро дарёбад, бояд ба ҷамоат ҳамроҳ гардад. Агар имомро дар қиём ё дар рукӯъ дарёбад, он ракъатро комилан дарёфтааст. Агар имомро дар саҷда ва ё қаъдаи охир ҳам, ки дарёбад, намозро бо ҷа-

---

Зуҳрӣ: Вақте ба имоматии вай (шахси ноболиғ) маҷбур шуданд – ноилоҷ монданд, онҳоро имоматӣ мекунад, гуфтаи фавқро таъйид мекунанд (Авну-л-маъбуд, шарҳи Сунани Абудовуд. – Ҷ. 2. – С. 207. – Бейрут, 1995).

Аз сӯи дигар, бар асоси фармудаи аҳодиси саҳеҳ, аз кӯдак пеш аз синни балоғат қалам бардошта шуда ва аз бозхости ухравӣ озод аст. Пас барои имоматӣ дар намоз шахсе лозим аст, ки ба синни балоғат расида ва масъули аъмоли хеш гашта бошад, то зомини намози қавм буда бошад.

Ба ҳар сурат дар бораи ҷавоз ва адами ҷавози имоматии кӯдаки ноболиғе, ки ба синни тамйиз расида, дар байни бузургони садри ислом ва аиммаи мазоҳиб ду қавл ва нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки назари ҷумҳур бар адами ҷавози он дар намозҳои фарз аст. Бо он ки назари ҷумҳури фуқаҳо ҳам дар ин масъала ва ҳам дар масоили дигар хеле қавӣ аст, вале ҳадиси Амр ибни Салама дар бораи ҷавози имоматии кӯдаки ноболиғ, ҳадиси расули акрам (с) дар мавриди ин ки кӯдакони худро дар синни ҳафтсолагӣ ба намоз амр кунед ва онҳоро дар синни даҳсолагӣ бо тарки он зарб намоед!, ки зимнан ҷавози имоматии кӯдакони дар синну соли тамйизро таъйид мекунад ва ҳамин тавр ҳадиси Муъоз ибни Ҷабал (рз) дар бораи ҷавози имоматии нафлгузор барои фарзгузор – иқтидои фарзгузор ба нафлгузор асрҳои мутаволист, ки наслҳое аз уламои тарафдори назари ҷумҳур аз ёфтани ҷавобе кофӣ ва шофӣ оҷиз мондаанд.

[1] Агар бо ҳамин – шуста шудан ба василаи шахси ноболиғ вайро ҷаноза намоянд, намоз дуруст аст.

[2] Сунани Абудовуд, 619; Сунани Ибни Моҷа, 962, 963. Дар Саҳеҳи Бухорӣ, 690, 747, 811; Саҳеҳи Муслим, 961 (426)-112. Сунани Тирмизӣ, 281 ва Сунани Насоӣ, 828, низ дар бораи пешдастӣ накардан бар имом дар рукӯъ ва суҷуд ҳадисе ворид шудааст.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 691; Саҳеҳи Муслим, 962 (427)-114, 964 (…)-115; Сунани Абудовуд, 623; Сунани Тирмизӣ, 582; Сунани Насоӣ, 827; Сунани Ибни Моҷа, 961.

моат дарёфтааст, ҳарчанд ҳеҷ ракъате барои ӯ ба шумор намеояд.

Пас маълум гашт, ки бинобар тафовути имкониятҳои ҷисмӣ, шароити шахси намозгузор ва гуногун будани заминаҳои поксозӣ ва баргузории намоз барои намозгузорон суратҳо ва навъҳои гуногуне пеш меоянд ва тафовуте дар тариқа ва сатҳи вузӯ ва намози онҳо ба чашм мехӯрад.

Шахсе бинобар фароҳам будани об ва сатҳи хуби тандурустиаш ба таври пурра вузӯ мегирад ва шахси дигаре бо наёфтани об ё имкониятҳои дигараш даст ба таяммум мезанад. Шахсе пояшро дар вузӯ мешӯяд ва ин фарзи онро хуб ба ҷой меоварад ва дигаре бо пӯшидани масҳӣ ба масҳи он кифоя мекунад. Шахсе бо як вузӯ чанд вақт намоз ба ҷой меоварад ва шахсе бинобар маъзурият барои ҳар намозе вузӯи нав мегирад.

Яке тамоми рукнҳои намозро ба таври пурра ба ҷой меоварад ва дигаре аз анҷоми онҳо оҷиз мемонад ва намозашро бо ишора мехонад ва ё баъзе аз рукнҳои онро наметавонад ба ҷой оварад. Яке аврати худро пӯшидааст ва дигаре бинобар шароити хоссе бараҳна мондааст, яке фарз ва дигаре нафл мегузорад.

Албатта, дар ҳолати баробар будани суратҳо ва сатҳи якхелаи ҳамаи намозгузорон ҳар яке аз онҳо метавонад ба дигаре иқтидо намояд. Ҳамчунин дар сурати болотар будани сатҳи имом муқтадӣ бе чунучаро ба вай иқтидо менамояд. Аммо дар суратҳои дигар, ки сатҳҳои гуногун доранд, ҳукми онҳо дар сафҳаҳои оянда баён мегардад. Чӣ касе бо чӣ касе метавонад иқтидо намояд ва чӣ касе бо чӣ касе наметавонад иқтидо намояд.

Муқтадӣ дар пайвастан ва идомаи намоз бо имом се ҳолат дорад, ё мудрик аст, ё масбуқ аст ва ё лоҳиқ.

1. Мудрик исми фоил аз решаи феъли адрака (أَدْرَكَ) дар луғат ба маънои расанда ва дарёбкунанда аст ва дар истилоҳи фиққӣ ба он намозгузоре гуфта мешавад, ки намозро бо имом аз ибтидо – дар такбири таҳрима ва ё умуман, дар ракъати аввал пеш аз рукӯъ дарёбад ва ҳамроҳи вай ба итмом расонад. Назди фақеҳон он бар шахсе, ки намозро ба таври пурра ва ё бахше аз онро дар вақташ дарёбад, низ итлоқ мегардад ва дар ин ҷо ба маънои вақтгузор аст.[1]

Фарқи мудрик аз масбуқ он аст, ки мудрик тамоми намозро бо имом дарёфтааст ва масбуқ қисмате аз онро ва фарқи вай аз лоҳиқ он аст, ки мудрик тамоми ракъатҳоро бо имом дарёфтааст ва лоҳиқро пас аз иқтидо тамоми ракъатҳо ва ё баъзе аз онҳо ба сабаби ғафлат, заҳмат (издиҳом), сабқи ҳадас ва ё узри дигаре фавт шудааст. Муштаракот ва ё вақҳи умумият дар байнашон он аст, ки ҳар се ба имом иқтидо кардаанд.

2. Масбуқ – исми мафъул аз решаи феъли сабақа (سَبَقَ) дар луғат ба маънои пешгузашта ва сабқатшуда ва дар истилоҳи фақеҳон ба он намозгузоре гуфта мешавад, ки намозро бо ҷамоат пас аз рукуи имом дарёфтааст, хоҳ имом бо як ракъат бар ӯ сабқат намуда бошад, хоҳ бо бештар аз он; муқтадие, ки имом бо як ракъат ва ё бештар аз он аз ӯ пешӣ гирифтааст. Назди фақеҳон он ба шахсе низ итлоқ мешавад, ки ӯро дар аснои намоз ҳадасе расида бошад ва ба вай масбуқи ба ҳадас гуфта мешавад.[2]

Аҳкоми марбут ба масбуқ: а) Он қисматеро, ки бо имом дарёфта, барояш охири намоз ва ракъатҳои фавтшуда қазо ба шумор меравад, б) аз имом дар қисмати дарёфтааш комилан мутобиат менамояд, в) пас аз салом додани имом қазои ракъатҳои фавтшударо ба ҷой меоварад ва дар онҳо ҳукми танҳогузорро дорад – аввал тааввуз мегӯяд, сано мехонад, пас аз он қироат мекунад,[3] ва агар саҳве намояд, барояш саҷда

---

[1] Аҳкоми иқтидо, мутобиати имом ва ғайри инҳо ба мудрик ба маънои аввал тааллуқ мегиранд ва аҳкоми дарёфтани вақти намоз ва ё миқдори такбири таҳрима, завол ва ё ориз шудани узрҳои монеи намоз дар вақт ва ғайра ба вай ба маънои дуюм тааллуқ мегиранд.

[2] Масбуқ ба маънои дуюм дар матнҳои фиққӣ корбурди истилоҳӣ надорад ва он дар боби сабқати ҳадас ва дар мавзӯи лоҳиқ баррасӣ мешавад.

[3] Бо тарки қироат дар он намозаш фосид мешавад, зеро он барояш аввали намоз ба шумор меравад ва қироат дар он фарз аст.

Агар масбуқ пас аз иқтидо ба имом аввал ракъатҳои сабқатшуда (фавтшуда)-ашро ба ҷой оварад, он гоҳ аз имом мутобиат намояд, назди аксари фуқаҳои мутақаддим намозаш фосид мегардад, зеро тибқи қоидаи: инфирод (танҳогузорӣ) дар мавзеи иқтидо (пайвастан ба имом) муфсиди намоз аст, ба мисли аксаш, яъне иқтидо дар мавзеи инфирод. Аммо назди баъзе мутақаддимини фуқаҳо ва аксари мутааххирин он низ ҷоиз аст ва фатво ба он аст. Ин қавл қавитар аст, зеро тартиб дар байни ракъатҳои намоз воҷиб аст, на фарз ва бо тарки воҷиб на-

мекунад, г) агар мусофир бошад ва дар он вақт нияти иқомат намояд, намозашро пурра мегузорад, яъне агар мусофире масбуқан ба имоми мусофир ният карда бошад ва пас аз салом додани вай дар аснои гузоридани ракъатҳои боқимонда нияти иқомат намояд, намози қасраш ба намози комил табдил меёбад.

Масбуқе як ракъат аз намози чаҳорракъатиро бо имом дарёфта бошад, пас аз саломи имом аввал як ракъат бо Фотиҳа ва замми сура мегузорад ва қаъда карда, ташаҳҳуд мехонад, сипас ду ракъати дигар, ки ракъати аввалашро бо Фотиҳа ва замми сура ва ракъати ахирашро бе замми сура мегузорад, он гоҳ дар охир қаъда карда ташаҳҳуд мехонад.[1]

3. Лоҳиқ исми фоил аз решаи феъли лаҳиқа (لَحِقَ) ба маънои дарккунанда ва расанда аст ва дар истилоҳи фақеҳони ҳанафӣ ба он намозгузоре гуфта мешавад, ки пас аз иқтидо ба имом бар асари хоб, ғафлат, нашунидани садои такбири имом ва ё расидани ҳадас миқдоре аз намозаш ҳамроҳи имом аз вай фавт шавад, хоҳ имомро дар ракъати аввал дарёфта бошад, хоҳ пас аз он.

Ба ин тартиб лоҳиқ ду сурат дорад: а) агар дар ракъати аввал ба имом пайваста бошад, мудрик ва лоҳиқ ба шумор меравад ва дигар ҳеҷ гоҳ масбуқ намешавад, б) агар пас аз ракъати аввал ба имом пайваста бошад, масбуқи лоҳиқ мегардад.

Ҷамоаи аввале, ки бо имом намози хавфро мегузоранд, муқиме, ки ба имоми мусофир иқтидо мекунад ва муқтадие, ки рукӯъ ва суҷудро пеш аз имом анҷом медиҳад,[2] дар ракъатҳои боқимонда ҳукми лоҳиқро доранд.

Аҳкоми лоҳиқ: а) Аввал ракъатҳои фавтшударо мегузорад ва ин воҷиб аст, дар онҳо қироат намекунад ва бо саҳв кардан саҷдае бар вай воҷиб намегардад; б) пас аз он агар имомаш аз намоз фориғ нашуда бошад, аз ӯ пайравӣ мекунад; в) бо нияти иқомат дар он вақт агар мусофир бошад, намози қасраш тағйир намеёбад.[3]

АҲКОМИ ИҚТИДО КАРДАН

Иқтидо ба шахсони зерин дуруст аст:

1. Иқтидои мутаваззӣ (таҳоратдор) ба мутаяммим (таяммумдор).

2. Иқтидои ғосил (касе, ки пойҳояшро шустааст) ба мосеҳ (шахсе, ки ба масҳиҳояш масҳ кашидааст).

3. Иқтидои мутанаффил (нафлгузор) ба муфтариз (фарзгузор).

4. Иқтидои муқим ба мусофир ва акси он.

Ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва ҳанбалӣ ба ҷавози иқтидо дар мавридҳои боло иттифоқи назар доранд.

5. Иқтидои қоим (шахси истода) ба қоид (касе, ки нишаста намоз мегузорад).

6. Иқтидои мумӣ ба мумӣ – касе, ки бо ишора намоз мегузорад, ба касе, ки ӯ низ бо ишора намоз мегузорад.

7. Иқтидои шахси солим ба кару кӯр ҷоиз аст бо кароҳият.

Иқтидо кардан ба шахсони зерин дуруст нест:

Иқтидо кардани:

1. Мард ба зан.

2. Мард ба кӯдак (-и ноболиғ)

3. Солим (ғайри маъзур) ба маъзур – узрдошта. Мас., шахси солим ва тандуруст наметавонад ба касе, ки пешобаш ҳамеша ҷараён дорад, иқтидо намояд.

4. Фарзгузор ба нафлгузор.[4]

моз фосид намегардад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 418).

[1] Масбуқ дар ин ҳолат қазои ракъатҳои дарнаёфтаашро ба мисли намози шом адо намекунад, яъне аввал ду ракъат бо Фотиҳа ва замми сура ва пас аз он як ракъат бе замми сура намегузорад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 418).

[2] Муқтадие, ки рукӯъ ва ё суҷудро пеш аз имом анҷом диҳад, он лағв аст ва қазои як ракъатро бояд ба сурати лоҳиқ ба ҷой оварад.

[3] Бо вуҷуди ин агар аз имом мутобиат намояд ва пас аз салом додани вай ракъатҳои боқимондаро ба ҷой оварад, намозаш дуруст мегардад. Маънои лоҳиқ бо тафсили бештаре дар мавзӯи сабқати ҳадас баён мешавад.

Лоҳиқ аввал ракъатҳои фавтшударо, бе қироат ва харчи сареътар, ба ҷой меоварад, агар пас аз адои онҳо имомро дарёбад, аз вай дар боқии намоз мутобиат мекунад ва баъд аз саломи имом, агар бо ракъате ё бештар аз он масбуқ бошад, онҳоро ба ҷой меоварад. Аммо агар бар акси ин тартиб амал кунад, яъне аввал он чиро, ки дар он хобида, сипас он чиро, ки бо он масбуқ гашта ва дар охир он чиро бо имом дарёфтааст, ба ҷой оварад ё аввал он чиро, ки бо он масбуқ гашта, сипас он чиро, ки бо имом дарёфта ва дар охир он чиро, ки дар он хобида аст, ба ҷой оварад ва ё аввал он чиро, ки он сабқат шуда, сипас он чиро, ки дар он хобида ва дар ахир он чиро, ки бо имом дарёфтааст, ба ҷой оварад, намозаш саҳеҳ мегардад, вале барои тарки тартиб гунаҳкор мешавад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 418).

[4] Аз назари бузургони шофеъӣ ва дар ривояте аз

5. Пӯшида ба бараҳна (урён).

6. Фарзгузор ба фарзгузори намози дигар. Мас., шахсе, ки мехоҳад фарзи намози пешинро бигузорад, наметавонад ба касе, ки фарзи намози аср мехонад, иқтидо намояд.[1]

7. Қорӣ ба ғайри қорӣ – касе, ки метавонад қироат кунад, ба шахсе, ки қироат карда наметавонад.

Ҷумҳури мазоҳиб - ҳ**анафӣ**, моликӣ **ва** ҳ**анбал**ӣ ба ҷоиз набудани иқтидо дар мавридҳои боло иттифоқи назар доранд.

8. Он ки бе ишора – бо рукӯъу суҷуд намоз мехонад, ба касе, ки бо ишора намоз мехонад.

9. Иқтидои қорӣ (аҳли қироат) ва уммӣ (нохонда) ба гунг.

Барои дуруст шудани иқтидои намозгузорон ба имом сездаҳ чиз шарт аст:

1. Ният намудани иқтидокунанда пайравии имомро ва ин ният бояд бо такбири таҳрима пайваста бошад.

2. Ният намудани имом имоматиро барои заноне, ки ба ӯ иқтидо менамоянд. Агар имом барои заноне, ки ба вай иқтидо кардаанд, имоматиро ният надошта бошад, намози он занҳо бо ҷамоат дуруст намегардад, вале барои мардон нияти имоматӣ намудани имом шарт нест, бе он ҳам имоматиаш барои онҳо дуруст мегардад.

3. Пештар истодани имом аз намозгузорон.

4. Ҳоли имом аз ҳоли муқтадӣ болотар ва ё бо он баробар бошад, на пасттар. Мас., агар имом намози нафл бихонад ва иқтидокунанда намози фарз, ин иқтидо дуруст намегардад, зеро дар ин сурат пайравии мартабаи болотар аз мартабаи пасттар мебошад.

5. Агар мусофир ба имоми муқим дар намози вақтӣ иқтидо кунад, иқтидоаш ба он имом дуруст мегардад ва намози қаср – ду ракъатааш аз рӯи табаияти имом ба чаҳор ракъат – фарзи пурра табдил меёбад. Аммо иқтидои мусофир ба имоми муқим пас аз вақт дар намозҳое, ки бо сафар тағйир меёбанд, яъне дар намозҳои қазогаштаи чаҳоррақъата ҷоиз нест, зеро дар ин сурат дар яке аз ду маврид: ё дар қаъдаи аввал ё дар қироат дар шафъ (ҷуфт)-и дуюм ё дар ҳар ду маврид иқтидои фарзгузор ба нафлгузор иттифоқ меафтад ва он ҷоиз нест.[2] Ҳамчунин иқтидои мусофир ба имоме, ки аз аввали намоз дар он набуда (шахси масбуқ) ва пас аз расидани ҳадас ба имоми аввал ба ҷои вай халифа шудааст, вақте пас аз итмоми намози

мазҳаби ҳанбалӣ иқтидои фарзгузор ба нафлгузор, вақте назми намозашон дар амалҳои зоҳирӣ бо ҳам мутобиқ бошад, ҷоиз аст. Зеро ривоят шуда, ки Муъоз ибни Ҷабал (рз) намози хуфтанро ҳамроҳи паёмбар (с) мегузорид, пас аз он ба назди қавмаш баргашта барои онҳо дар намози хуфтан имоматӣ мекард (Саҳеҳи Бухорӣ, 700, 701, 6106). Аммо агар назми намоз бо ҳам мутобиқ набошад, ба монанди намозҳои фарз ва намози кусуф ва ё ҷаноза, дар ин сурат иқтидои фарзгузор ба он дуруст намебошад.

Бар асоси ин дидгоҳи фиқҳӣ ду бор имом шудани як кас барои ду қавм, дар яке ба ҳайси фарзгузор ва дар дигаре нафлгузор ҷоиз аст. Ҳамчунин иқтидо кардани фарзгузор ба масбуқе, ки пас аз саломи имом барои адои ракъатҳои боқимонда бархостааст, ҷоиз аст.

[1] Дар назди бузургони шофеъӣ иқтидои фарзгузор ба фарзгузори намози дигар, вақте назми намозашон дар амалҳои зоҳирӣ бо ҳам мутобиқ бошад, дар намозҳои панҷгона ҷоиз аст.

[2] Зеро қазои намозҳои чаҳоррақъатии фавтшуда (қазогашта) дар аснои сафар тибқи асл, яъне ба сурати қаср воҷиб мегарданд ва онҳо ду ракъат ба ҷой оварда мешаванд. Вақте мусофир дар чунин қазоие ба имоми муқим дар намозҳои фавтшудаи давраи иқоматаш иқтидо кунад, ду маҳзур (монеъ, мушкил, амали мамнӯъ) пеш меояд, зеро агар ба вай дар шафъ (ҷуфт)-и аввал иқтидо кунад, дар қаъдаи аввал, ки барои имом ғайри фарз (воҷиб, ки дар баъзе матнҳои фиқҳӣ ба он нафл гуфта шудааст) ва барои мусофир фарз аст, иқтидои фарзгузор ба нафлгузор сурат мегирад ва агар дар шафъи дуюм ба вай иқтидо кунад, дар қироат, ки барои имоми муқим нафл (мустаҳаб) ва барои мусофир фарз аст, иқтидои фарзгузор ба нафлгузор сурат мегирад, ки ҳар ду ҷоиз нест. Агар дар вақти таҳрима ё умуман дар шафъи аввал ба вай иқтидо кунад, ҳар ду маҳзур дар намозаш воқеъ меафтад, зеро қаъдаи аввал барои имоми муқим ғайри фарз ва барои мусофир фарз аст ва ду ракъати ахир барои мусофир нафл ҳастанд ва қироат дар онҳо бар вай фарз аст, дар ҳоле ки барои имоми муқим мустаҳаб аст, пас дар ҳар ду маврид иқтидои фарзгузор ба нафлгузор пеш меояд. Аммо иқтидои қазоигузор ба вақтгузор на барои муқтадии муқим ва на барои муқтадии мусофир ҷоиз нест (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 366; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 394, 736–737; Биноя. – Ҷ. – 3. – С. 28–29;). Аммо дар намозҳои фавтшудае, ки бо сафар тағйир намеёбанд (ғайри намозҳои чаҳоррақъата) мусофир метавонад ба имоми муқиме, ки қазои он намозҳоро ба ҷой меоварад, иқтидо кунад ва он ҷоиз аст. Ҳамчунин аст дар намозе, ки барои имом қазоӣ ва барои муқтадии мусофир вақтӣ аст, ба ин сурат, ки агар мусофири ҳанафимазҳабе ба имоми шофеъимазҳаб дар намози пешин пас аз расидани сояи ҳар чиз ба мисл – як баробари худаш ва пеш аз мислайн иқтидо кунад, ҷоиз аст, ки он барои имом қазоӣ ва барои муқтадии мусофир вақтӣ аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 736).

қавм, ба он тартибе, ки дар боби бетаҳоратӣ (ҳадас) гузашт, барои адои ракъатҳои сабқатшудаи худ бармехезад, ҷоиз нест. Зеро вай дар ин ҳолат он ракъатҳоро ба ҳайси танҳогузор (мунфарид) ба ҷой меоварад ва қазои вай аз қазои шахси мусофир фарқ дорад.[1] Аммо иқтидои муқим ба имоми мусофир ҳам дар намозҳои вақтӣ ва ҳам дар ғайри вақтӣ ҷоиз аст ва пас аз салом додани имом ракъатҳои боқимондаро дар намозҳои чаҳорракъатӣ ба танҳоӣ ба ҷой меоварад.

6. Дар миёни имом ва иқтидокунандагон саффи занҳо набошад.

7. Дар миёни имом ва иқтидокунандагон наҳри обе, ки метавонад дар он заврақ ҳаракат намояд, фосила набошад.

8. Дар миёни имом ва муқтадиён кӯча ва роҳе фосила набошад.

9. Дар байни имом ва намозгузорон девори бузурге, ки ҳолат ё садои имомро бар иқтидокунандагон пӯшида дорад, фосила набошад.[2] Агар девор хурд ва ё ба шакле бошад, ки садои имом аз пушти он шунида шавад ё панҷара, равзана ва ё кушодагие, дошта бошад, ки ҳолоти имом аз он дида шаванд, дар он сурат иқтидо кардан аз пушти он дуруст аст. Бинобар ин, иқтидо кардан ба имоми масҷидҳо аз ҳавлиҳои ҳамшафат ва манзилҳои ҳамҷавори он ҷоиз аст,[3] ҳамон гуна, ки иқтидо кардан ба имоми Масҷидулҳаром аз хиёбонҳо ва дохили биноҳои атрофи Ҳарам, ки ба саҳни он аз берун пайваст мебошанд ва садои имом ба василаи баландгӯ ба намозгузорон мерасад, аз назари ҷумҳури мазоҳиб дуруст мебошад.[4] Ривоят шуда, ки расули Худо (с) шабона дар ҳуҷраи худ намоз (-и нафл) мегузорид ва мардуме аз кӯтоҳии девор ӯро диданд ва (аз масҷид) ба ӯ иқтидо карданд.[5]

10. Имом савора ва иқтидокунандагон пиёда ё баръакс набошанд.

11. Агар ҳар ду савора бошанд, набояд муқтадӣ савораи маркабе (воситаи нақлиёте) ғайр аз маркаби имоми худ бошад.

12. Агар имом дар киштие ва иқтидокунандагон дар киштии дигаре бошанд, бояд ҳар ду киштӣ ба ҳам пайваст бошанд. Агар аз ҳам ҷудо бошанд, иқтидо дуруст нест.

13. Иқтидо ба имом вақте ҷоиз аст, ки тамоми шартҳои сиҳҳати намоз ва шароити имоматӣ дар вай мавҷуд бошанд ва иқтидокунанда дар ӯ чизе аз муфсидоти намозро набинад. Вақте донист, ки таҳорати имом шикаста, мас., ба вай ҳадасе расида ё муддати масҳаш гузашта ва ё маст аст, дар ин сурат иқтидоаш ба он имом дуруст нест.

Агар имом пас аз анҷоми намоз дид, ки намозаш ба сабаби бевузӯ будан ва ё олуда шудани либосаш ба наҷосате дуруст нагардидааст, зарур аст то ҳадди имкон намозгузоронро огоҳ созад, то намози худро аз сар хонанд ва худи ӯ низ намозашро аз сар хонад.

ИҚТИДО БА АҲЛИ МАЗҲАБИ ДИГАР

Иқтидо ба имоме, ки аз мазабҳои дигари фиқҳии аҳли суннат – ғайр аз мазҳаби муқтадӣ ва ё аз андешаҳои мустақил ва орои озоди фиқҳӣ дар назди аҳли суннат пайравӣ мекунад, яъне ба касе, ки дар баъзе фурӯъи фиқҳӣ бо ӯ мухолиф аст, вақте тамоми шартҳои сиҳҳати намоз ва фарзҳои онро бино ба мазҳаби муқтадӣ ба ҷой оварад ва иқтидокунанда дар ӯ чизе аз муфсидоти намозро набинад, ҷоиз ва барои ҳифзи ваҳдати мусулмонон шаръан муҳим аст. Зеро саҳоба-

---

[1] Дар ин ҷо сухан дар бораи иқтидои мусофир ба имоми муқим дар намозҳое меравад, ки бо сафар тағйир меёбанд, вагарна, назди фуқаҳои ҳанафӣ иқтидо ба масбуқ дар ин ҳолат, яъне вақте пас аз итмоми намози қавм барои адои ракъатҳои сабқатшудааш бархостааст, дар намозҳои вақтӣ низ барои мусофир ва муқим ҳар ду ҷоиз нест, зеро вай дар ин ҳолат аз имоматии як қавм фориғ ва мунфарид гашта ва барои қавми дигар имоматӣ карда наметавонад.

[2] Дар суратҳои зикргардида вақте иқтидои намозгузорон ба он имом дуруст намегардад, ки имом ба танҳоӣ аз намозгузорон дар фосилаҳои номбурда қарор гирад ва он ҳолатҳо ҷамоатро аз вай ҷудо созанд. Аммо агар шуморе аз намозгузорон, яъне як ё чанд саффе ҳамроҳи ӯ ва дигарон дар он тарафи фосила қарор гирифта бошанд, ба монанди ҳолатҳое, ки бахше аз мардум дар хориҷи масҷидҳо ва имом бо қисме аз онҳо дар дохил намоз мегузоранд, ҳеҷ боке надорад.

[3] ал-Фатова-л-ҳиндия ал-маъруфа би-л-Фатова-л-Оламкирия. – Ҷ. 1. – С. 97.

Агар ҳавлиҳои ҳамҷаворро роҳ ва кӯчаи бузурге аз масҷид ҷудо созад, пас иқтидо бо имом вақте аз онҳо ҷоиз мегардад, ки сафҳои намозгузорон роҳро пур кар-

да масҷидро ба онҳо бипайвандад.

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 6. – С. 24.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 729; Фатҳулборӣ, – Ҷ. 2. – С. 615, 616.

гони киром, тобеин ва бузургони пас аз эшон бо вуҷуди ихтилофи назар ва гуногунандешие, ки дар баъзе фурӯъи фиқҳӣ ва масоили иҷтиҳодӣ доштанд, ба якдигар иқтидо мекарданд.

Аммо вақте донист, ки имом коре анҷом додааст, ки мутобиқи мазҳаби ӯ вузӯ ва ё намозаш фосид гашта ва ё яке аз шартҳо – фарзҳои намозро тарк кардааст, дар ин сурат иқтидоаш ба он имом дуруст нест. Агар чизе аз воҷиботи онро тарк карда бошад, иқтидо ба вай макрӯҳ аст, вале агар суннатҳои ғайри муаккадаро аз назари мазҳаби вай тарк намояд, иқтидо ба вай бе ҳеҷ кароҳияте ҷоиз аст, зеро аҳамияти ҳифзи ҷамоат болотар аз он – суннати муаккада аст.

Дар назди машоихи моликӣ, ҳанбалӣ ва дар ривояте дар назди бузургони шофеъӣ дар тамоми ин суратҳо, модоме рукне аз аркони дохили намозро тарк накунад, иқтидо ба вай ҷоиз аст. Вале дар қавли саҳеҳтар дар назди шофеъиён иқтидо ба чунин имом ба нияти муқтадӣ бино меёбад ва дар суратҳои боло (ба мисли назари бузургони ҳанафӣ) дуруст намебошад.

Иқтидо ба имоми фосиқи амалӣ – касе, ки муртакиби гуноҳи кабирае, ба монанди зино, дуздӣ, шурби хамр, наммомӣ ва ғ. шуда ва ё ба иртикоби гуноҳони сағира исрор меварзад, дар назди бузургони ҳанафӣ ва шофеъӣ бо кароҳият ҷоиз аст. Зеро ривоят шудааст, ки ***«Аз пушти ҳар неку бад (барру фоҷир) намоз бигузоред!»***.[1] Дар назди машоихи ҳанбалӣ ва дар қавле аз моликӣ имоматии шахси фосиқ ба ҳеҷ ваҷҳ дуруст нест, зеро дар ҳадиси марфуъе аз Ҷобир (рз) ривоят шуда: ***«Ҳеҷ зан мардеро, аъробӣ муҳоҷиреро ва фоҷир муъминеро имоматӣ накунад, магар ин ки ӯро бо султон ва қувва маҷбур сохта бошад (ва) аз тозиёна ва шамшераш хавф барад!»***.[2]

Ин амр ба намозҳои панҷвақта тааллуқ дорад, дар намозҳои ҷумъа ва идайн бошад, иқтидо ба имоми фосиқ бо иттифоқи тамоми аимма ҷоиз аст.

МУТОБИАТИ МУҚТАДӢ АЗ ИМОМ

Мутобиати муқтадӣ аз имом бар асоси тақсими рукнҳои намоз ба қавлӣ ва феълӣ фарқ дар онҳо мекунад. Мутобиати вай аз имом дар рукнҳо ва воҷиботи феълӣ бе ҳеҷ хилофе лозим аст ва дар рукнҳо ва воҷиботи қавлӣ, ба монанди қироат назди аиммаи мо муқтадӣ аз имом мутобиат намекунад, балки хомӯш меистад ва ба қироати имом гӯш медиҳад. Дар зикрҳои дигар бошад, аз вай мутобиат мекунад.

Хулоса, мутобиати муқтадӣ аз имом дар фароиз ва воҷиботи намоз бидуни таъхир воҷиб аст, вале агар воҷиби дигаре ба он дар таоруз қарор гирад, набояд онро фавт созад, балки онро ба ҷой оварад, он гоҳ аз имом мутобиат намояд, мас., агар имом пеш аз итмоми муқтадӣ ташаҳҳудро бархезад, муқтадӣ онро тамом намояд, он гоҳ бархезад. Зеро ба ҷой овардани ин воҷиб мутобиати имомро ба таври куллӣ фавт намесозад, балки онро ба таъхир меандозад, аммо мутобиати имом бо қатъ кардани ташаҳҳуд яке аз воҷиботи намозро ба тамом аз вай фавт месозад. Пас таъхири яке аз воҷибот бо анҷоми ҳар дуяшон беҳтар аз комилан тарк кардани яке аз онҳост. Аммо агар суннате бо он дар таоруз қарор гирад, мас., имом пеш аз се бор тасбеҳ гуфтани муқтадӣ сар бардорад, саҳеҳтар он аст, ки аз имом мутобиат намояд, зеро тарки суннат аз таъхири воҷиб сабуктар аст.

Мутобиати имом дар воҷибот феълан ва таркан воҷиб аст, ба ин сурат ки вақте имом воҷиберо ба ҷой оварад, муқтадӣ ҳам бо анҷом додани он аз вай мутобиат менамояд ва агар воҷиберо тарк кард ва чун муқтадӣ онро ба ҷой оварад, дар воҷиби феълие бо имом дар мухолифат қарор мегирад, пас вай ҳам аз имом мутобиат намуда онро тарк мекунад, мас., вақте имом дуои қунут ё такбироти намози ид ё қаъдаи аввал ё сақдаи саҳв ва ё сақдаи тиловатро дар намоз тарк кунад, муқтадӣ ҳам бо мутобиати имом онҳоро тарк мекунад, зеро дар ин ҳолат дар дуои қунут ва такбироти намози ид мухолифат дар воҷиби феълӣ сурат мегирад ва

---

[1] Сунани Дорақутнӣ, 10. Асли ҳадисро Абудовуд (594) бо ин лафз ривоят кардааст: ***«Намози фарз воҷиб аст, ки аз пушти ҳар мусулмоне гузорида шавад, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад (фоҷир)-е, ки муртакиби кабоир шавад»***, вале Ибни Ҳаҷар дар Талхиси ҳабир онро мунқатеъ ва маълул гуфтааст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 6. – С. 36).

[2] Ҳадисро Ибни Моҷа (1081) ривоят кардааст ва Ибни Ҳаҷар дар Талхиси ҳабир ва Бусирӣ ба сабаби вуҷуди Алӣ ибни Зайд ибни Ҷудъон ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Адавӣ дар санадаш онро заъиф гуфтаанд (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 6. – С. 36).

дар вақти рукӯъи имом вай дар қиём боқӣ мемонад ва дар қаъдаи аввал вай дар қаъда боқӣ мемонад, дар ҳоле ки имом ба қиём гузаштааст.

Дар амалҳои бидъат, мансухшуда ва ё умуре, ки ба намоз тааллуқ надоранд, мутобиат аз имом ҷоиз нест, мас., агар имом саҷдае бар ду саҷдаи машрӯъ дар намоз биафзояд ё дар такбироти идайн бар миқдори собитшуда дар ақвол ва осори саҳобаи киром биафзояд ё бар чаҳор такбир дар намози ҷаноза биафзояд ва ё саҳван ба ракъати панҷум бархезад, муқтадӣ аз вай дар ин корҳо мутобиат намекунад.

Мутобиати имом дар суннатҳо феълан вақте бо воҷибе дар таоруз қарор нагиранд, суннат аст ва таркан агар бо анҷоми он мухолифати имом дар воҷиби феълие пеш наояд, аз вай мутобиат намекунад, балки онҳоро ба ҷой меовард, мас., агар имом рафъи ядайнро дар такбири таҳрима тарк намояд ва ё сано, такбири рукӯъ ва суҷуд, тасбеҳ дар онҳо ва тасмеъро тарк кунад, муқтадӣ аз вай мутобиат намекунад, балки онҳоро ба ҷой меовард.

Мутобиат дар зоти худ се навъ аст: **а)** Баробар ва ҳамзамон бо феъли имом, мас., таҳримаи худро бо таҳримаи имом, рукӯъашро бо рукӯъи имом ва саломашро бо саломи имом баробар анҷом диҳад ва ҳамин ҳукмро дорад, вақте пеш аз имом ба рукӯъ равад ва дар он бимонад, то имом ӯро дарёбад; **б)** мутаоқиб ва ба дунболи феъли имом дар ибтидо, вале бо мушорикат дар бақияи амал; **в)** бо тарохӣ ва каме дертар аз ибтидои имом.

Мутлақи мутобиат, ки шомили анвои сегонаи он бошад, дар фарзҳо фарз, дар воҷибот воҷиб ва дар суннатҳо вақте бо воҷибе дар таоруз қарор нагиранд, суннат аст, мутобиати бе таъхир ва тарохӣ, ки шомили ду навъи аввали он аст, дар (рукнҳо ва) воҷибот воҷиб ва дар суннатҳо суннат аст ва мутобиати бе таоқуби ибтидои феъли имом ва бе тарохӣ – баробар ва ҳамзамон бо феъли имом назди Абуҳанифа (рҳ) суннат аст, на назди Имомайн.[1]

ҚИРОАТ АЗ ПУШТИ ИМОМ

Дар намозҳои ҷамоат имом пешво ва зомини намози қавм аст ва назди машоихи ҳанафӣ қироати вай қавмро низ кифоят мекунад ва бо қироати ӯ фарзияти ин рукн аз қавм соқит мешавад. Худованд фармудааст: **«Вақте Қуръон хонда шуд, ба он гӯш диҳед ва хомӯш бошед!»**[2] Ин оят ба гӯш кардани Қуръон ва хомӯш истодан дар вақти тиловати он амр карда ва ба гуфтаи имом Аҳмад бо иҷмоъи мардум дар бораи намоз нозил шудааст. Расули Худо (с) низ фармудаста: ***«Касе имом дошта бошад, қироати имом барояш қироат аст»***.[3] Бар асоси ин фармудаҳо гӯш додани муқтадӣ ба қироати имом дар намозҳои ҷаҳрӣ ва хомӯш истодани вай дар намозои хуфя воҷиб ва қироат кардан аз қафои имом макрӯҳи таҳримӣ аст, вале намоз дуруст мегардад.[4] Зеро барои он дар баъзе ривоятҳо ваъид

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 202-204.

[2] Сураи Аъроф, 7: 204.

[3] Сунани Ибни Моҷа, 850. Бусирӣ санади онро бо ривояти Ҷобири Ҷуъфӣ заъиф гуфта ва афзудааст, ки онро Аҳмад ибни Манеъ ва Абд ибни Ҳумайд бо санади саҳеҳ ривоят кардаанд ва он бо шавоҳидаш ба дараҷаи ҳасан мерасад. Ин ҳадис аз тариқи имом Абуҳанифа (рҳ) ва Ибни Абушайба (Мусаннаф. – Ҷ. 1. – С. 331, боб: Касе, ки қироатро дар пушти имом макрӯҳ донистааст) аз Ҷобир (рз) низ ривоят шуда, ки аллома Айнӣ дар Нухабулафкор – санади онҳоро саҳеҳ гуфтааст (Нухабулафкор фӣ танқеҳи мабони-л-ахбор. – Ҷ. 5. – С. 389-392). Илова бар ин, аз Абуҳурайра (рз) ва Абумусои Ашъарӣ (рз) дар ин бора ҳадисҳои саҳеҳ ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Имом барои он имом гардонида шудааст, ки ба ӯ пайравӣ ва иқтидо шавад, пас вақте такбир гуфт, такбир бигӯед ва вақте қироат кард, хомӯш бошед!...»*** (Сунани Ибни Моҷа, 846-849). Ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ (722, 732-734) ва Муслим (929 (414)-86) низ ривоят шудааст ва бо вуҷуди он ки лафзи ***«Вақте қироат кард, хомӯш бошед»,*** дар онҳо наомадааст, вале Муслим онро дар ҳадиси баъдӣ саҳеҳ гуфтааст (Саҳеҳи Муслим, 904 (404)-63).

Аз Ҷобир (рз) бо санади марфӯъ ривоят шуда, ки: «Касе як ракъат намоз бигузорад ва дар он Уммулкитоб (номи дигари сураи Фотиҳа)-ро қироат накунад, намозе нагузоридааст, магар ин ки аз пушти имом буда бошад» (Сунани Тирмизӣ, 313; Нухабулафкор фӣ танқеҳи мабони-л-ахбор. – Ҷ. 5. – С. 396, 397). Аз Ибни Умар (рз) низ ривоят шуда, ки «Вақте касе аз шумо дар пушти имом намоз гузорад, қироати имом ӯро кифоя аст» (Муваттаи имом Молик, 192/1/29).

Илова бар ин, аз ҳаштод саҳоба ривоят шуда, ки муқтадиро аз қироат дар пушти имом манъ мекарданд (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 33. – С. 52-54; Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 231).

[4] Қироати муқтадӣ аз қафои имом назди машоихи ҳанафӣ ба сабаби вуҷуд доштани далелҳои муориз ҳароми мутлақ ба шумор намеравад, балки макрӯҳи таҳримӣ аст. Бинобар ин, намоз бо он фосид намешавад,

ҳам ворид шудааст.[1]

Бузургони шофеъӣ бо истинод бар аҳодиси саҳеҳи дигаре, ки дар бораи хондани сураи Фотиҳа дар намоз омада, қироати онро бар муқтадӣ низ воҷиб донистаанд ва мустаҳаб аст, ки дар аснои сактаҳои имом – вақфаҳое, ки пас аз хотимаи як оят ва пеш аз оғози ояти баъдӣ анҷом медиҳад ва ё сактае, ки дар охири сураи Фотиҳа мекунад, хонда шавад. Зеро расули Худо (с) фармудааст: ***«Касе сураи Фотиҳаро қироат накунад, барояш намозе нест»***.[2]

Пешвоёни мазҳаби моликӣ ва ҳанбалӣ равиши миёнаро пеш гирифта, бо ҷамъ ва амал ба ҳар ду гурӯҳи аҳодис ҷониби наҳйро дар умум тарҷеҳ додаанд ва қироати сураи Фотиҳаро дар намоз воҷиб надонистаанд, вале дар намозҳои хуфя онро мустаҳаб гуфтаанд. Аз назари онҳо низ қироати имом ҷойгузини қироати муқтадӣ мегардад, вале дар намозҳои хуфя аз боби истеҳбоб метавонад онро қироат намояд.[3]

Ба гуфтаи соҳиби Ҳидоя (Ҷ. 1. – С. 230, 231) ва баъзе арбоби мутуни дигари фиқҳӣ имом Муҳаммад (рҳ) – аз машоихи ҳанафӣ низ қироати онро дар намозҳои хуфя ҷоиз ва мустаҳсан донистааст, вале баъзе муҳаққиқон ва шореҳони мутааххир, ба монанди Ибни Ҳумом дар Фатҳ (Ҷ. 1. – С. 297), Ибни Обидин дар Радд (Ҷ. 2. – С. 326, 327) ва Ибни Нуҷайм дар Баҳр (Ҷ. 1. – С. 647, 648) гуфтаи мутунро дар бораи назари имом Муҳаммад (рҳ) бар ҷавози қироати сураи Фотиҳа дар намозҳои хуфя бар хилофи қавли ӯ дар китобҳои зоҳири ривоят дар мазҳаб дониста ва назари вайро дар ин масъала бино ба он чи дар китоби ал-Осор (Ҷ. 1. – С. 163-191)[4] ва китоби ал-Ҳуҷҷату ъало аҳли-л-Мадина (Ҷ. 1. – С. 87-91)[5] омадааст, бо назари имом Абуҳанифа (рҳ) як гуфтаанд.

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, дар байни пешвоёни мазоҳиб ва уламои ислом дар ин масъала бинобар гуногун будани осор ва аҳодиси ривоятшуда назарҳои гуногун вуҷуд дорад, ки бузургони ҳанафӣ бо такя бар аҳодиси саҳеҳ

балки бо кароҳият дуруст мегардад.

[1] Аз Алӣ (рз) ривоят шуда, ки «Касе аз пушти имом қироат кунад, бар фитрат нест» (Шарҳи Маони-л-осор, 1272. – Ҷ. 1. – С. 238; Мусаннафи ибни Абушайба. – Ҷ. 1. – С. 386). Ҳамчунин аз Абуҳурайра (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) (боре) пас аз намоз (ба сӯи мардум) баргашт ва пурсид: ***«Оё касе аз шумо ҳамроҳи ман дар намоз қироат кард?»***. Марде гуфт: Оре, эй расули Худо (с). Фармуд: ***«Мегӯям чаро дар Қуръон мунозаа мешавам!»*** Ва дар ривояте: ***«Намозро бар ман халт кардед!»***. Вақте мусулмонон инро шуниданд, дигар дар намозҳое, ки расули Худо (с) дар онҳо ҷаҳр мекард, қироат намекарданд» (Сунани Тирмизӣ, 312; Шарҳи Маони-л-осор, 1255, 1258. – Ҷ. 1. – С. 280, 281; Мусаннафи ибни Абушайба. – Ҷ. 1. – С. 376).

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 756; Саҳеҳи Муслим, 872-875 (394)-34-37. Ин ҳадис бо лафзҳои дигар, аз ҷумла аз Абуҳурайра (рз) бо ин лафз ривоят шуда, ки: ***«Ҳар намозе, ки дар он Уммулқуръон (яке аз номҳои сураи Фотиҳа) хонда нашавад*** ва ё ***ҳар кӣ намоз бигузорад ва дар он Уммулқуръонро нахонад, он хидоҷ – нотамом аст»*** (Саҳеҳи Муслим, 876 (395)-38). Аиммаи мазҳаби шофеъӣ бо амал ба ин ҳадис хондани сураи Фотиҳаро дар тамоми намозҳо воҷиб донистаанд. Ба гуфтаи Тирмизӣ имом Аҳмад (рз) бо вуҷуди он ки қироат аз пушти имомро тарҷеҳ медиҳад, вале бо истинод ба ҳадиси Ҷобир (рз) дар Сунани Тирмизӣ (313) ва таъвиле, ки дар бораи аҳодиси исбот аз Абудардо (рз) ривоят шуда, ҳукми ин аҳодисро дар бораи хондани сураи Фотиҳа ба мунфарид хос донистааст (Сунани Тирмизӣ, 312).

Аз он чи гузашт, ба хубӣ бармеояд, ки машоихи ҳанафӣ дар ин маврид танҳо набуда ва қавли онҳо бо истинод ба оят (7: 204), ки ба гӯш кардани Қуръон ва хомӯш истодан дар вақти қироати он амр мекунад ва ба иҷмоъи мардум дар бораи намоз нозил шудааст ва бо такя ба аҳодиси саҳеҳе, ки дар ин бора ривоят шудаанд, мавқеи ниҳоят қавӣ мебошад. Бо ин вуҷуд аз сӯи онҳо ба мавқеи фиқҳӣ ва нуқтаи назари дигар аимма ва пешвоёни мазоҳиби исломӣ низ, ки ба аҳодиси дигар истинод кардаанд, арҷ гузошта мешавад.

[3] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 33. – С. 52-54.

[4] Китоби «ал-Осор» яке аз китобҳои муътабари имом Муҳаммад (рҳ) аст, ки дар он аҳодис, осор ва ривоятҳо – маҷмӯаи далелҳои фиқҳии мавриди истиноди мазҳаби ҳанафӣ гирд оварда шудаанд ва дар риштаи ҳадисшиносӣ арзиши баланди илмӣ дорад. Он гарчанде аз ҷумали китобҳои зоҳири ривоят дар мазҳаб ба шумор намеравад, вале аз назари муҳаққиқон аз онҳо камтар ҳам намебошад. Қисмате аз он бо эҳтимом ва таҳқиқи устод Абулвафои Афғонӣ омода ва дар ду ҷилд ба чоп расидааст (Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1993).

[5] Китоби «ал-Ҳуҷҷату ъало аҳли-л-Мадина» яке дигар аз китобҳои имом Муҳаммад (рҳ) аст, ки дар байни аҳли илм ба андозаи китобҳои зоҳири ривоят дар мазҳаб шуҳрат дорад ва дар баёни назароти фиқҳии бузургони мазҳаби ҳанафӣ, ки ба мактаби фиқҳи Ироқ ва аҳли раъй шинохта мешаванд ва дидгоҳҳои фиқҳии машоихи мазҳаби моликӣ, ки ба мактаби фиқҳи Ҳиҷоз ва намояндаи ҷараёни гароиши ҳадисӣ машҳур аст, навишта шудааст. Он яке аз пурбортарин ва куҳантарин асар дар боби муқоранаи мазоҳиб ва омӯзишҳои муқоисавӣ ба шумор меравад (Бейрут: Оламу-л-китоб, 2006).

ва истеҳкоми гурӯҳи аввали ривоятҳо ҷониби наҳйро дар он тарҷеҳ дода ва аҳодиси исботро ба имом ва мунфарид хос донистаанд, машоихи шофеъӣ ба аҳодиси исбот амал карда, онҳоро барои ҳама таъмим бахшидаанд ва пешвоёни мазҳаби моликӣ, ҳанбалӣ ва дар умум аҳли ҳадис ба қавли миёнае қоил шудаанд. Ба гуфтаи Абдуллоҳ ибни Муборак (рз), ки хеле мунсифона аст, ҳама (-и ин назарот мустанад бо далел ва) ҷоиз ҳастанд.[1]

ҚИРОАТ АЗ РӮИ МУСҲАФ

Назди имом Абуҳанифа (рҳ) қироат аз рӯи Мусҳаф дар намоз барои имом ва мунфарид (танҳогузор) ҳар ду ҷоиз нест ва он хоҳ кам бошад, хоҳ зиёд, намозро фосид мегардонад. Агар намозгузор чизе аз Қуръонро аз ёд надонад, намозаш бе қироат ҳам дуруст мешавад. Вале назди Соҳибайн – Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) бо қироат аз рӯи Мусҳаф намоз фосид намешавад, вале кароҳият дорад.[2]

Дар мазҳаби имом Молик (рҳ) қироат аз рӯи Мусҳаф дар намозҳои фарзу нафл ҳар ду кароҳият дорад ва дар мазҳаби ҳанбалӣ низ дар намозҳои фарз макрӯҳ аст, вале дар намозҳои нафл, ба монанди намози қиёми лайл, агар Қуръонро аз ёд надонад, ҷоиз аст, зеро ривоят шуда, ки Оиша (рз)-ро дар моҳи рамазон ғуломаш Заквон аз рӯи Мусҳаф имоматӣ мекард.[3] Имом Амҳад (рҳ) мегӯяд: Ҳеҷ боке надорад, ки намози қиёми шабро бо мардум аз рӯи Мусҳаф бихонад. Пурсида шуд: Намози фарзро? Гуфт: Дар ин бора чизе нашунидаам!.[4] Дар мазҳаби шофеъӣ қироат аз рӯи Мусҳаф дар намозҳои фарзу нафл ҳар ду ҷоиз аст ва агар аҳёнан варақ гардонад ҳам боке надорад.

[1] Сунани Тирмизӣ, зайли ҳадиси 312.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 463, 464.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, таълиқи ҳадиси 692, боби имоматии банда ва мавло.

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 33. – С. 57.

Фасли ҳафтум

МАСЪАЛАҲОИ ПАЙВАСТАН БА ҶАМОАТ

Ҳар гоҳ намозгузор танҳо машғули хондани намози фарз бошад ва баъдтар намози ҷамоате барпо гардад, дар баъзе мавридҳо метавонад ба он бипайвандад ва аз савоби намози ҷамоат бебаҳра намонад. Тарз ва чигунагии ба ҷамоат пайвастани намозгузор чанд ҳолат дорад, ки тафсилаш ба шарҳи зер аст:

1. Агар дар ракъати аввали намоз қарор дошта, ҳанӯз ба саҷда нарафта бошад, намозашро қатъ намуда, ба ҷамоат бипайвандад.

2. Агар баъд аз ракъати аввал ба саҷда рафта бошад, он гоҳ ду ҳолат вуҷуд дорад:

а) Он намозе, ки мехонад, агар дуракъатӣ ва ё серакъатӣ бошад, дар он сурат бояд намозашро қатъ намуда, ба ҷамоат бипайвандад.

б) Он намозе, ки мехонад, агар чаҳорракъатӣ бошад, дар ин ҳолат ракъати дуюмро низ пурра намуда, баъд аз он ба ҷамоат бипайвандад.

3. Дар намози чаҳорракъатӣ, агар дар ракъати сеюм қарор дошта ва ҳанӯз ба саҷда нарафта бошад, намозашро қатъ намуда, ба ҷамоат бипайвандад.

4. Агар баъд аз ракъати сеюм ба саҷда рафта бошад, бояд чаҳор ракъатро пурра сохта, сипас ба нияти хондани намози нафл ба ҷамоат бипайвандад, ба ҷуз намози аср, ки баъд аз он хондани нафл макрӯҳ аст.

Қатъ намудани намоз чунин аст, ки ба қаъда баргашта, ба як тараф салом диҳад ва пас аз он ба ҷамоат бипайвандад ва ё ин ки метавонад дар ҳоли истода такбир гуфта, бо ният ба ҷамоат ҳамроҳ шавад.[1]

Ҳар гоҳ намозгузор суннатро нахонда ба ҷамоати бомдод бирасад, дар сурате метавонад суннатро ба ҷо оварад, ки пас аз гузоридани он ақаллан як ракъати намози ҷамоатро дарёбад, вале агар ба сабаби хондани суннат ҷамоатро дарнаёбад, бояд суннатро тарк кунад.

Ҳар касе бихоҳад қазои намози бомдодашро қабл аз заволи ҳамон рӯз ба ҷой оварад, бояд суннати бомдодро низ ҳамроҳи фарз қазо бихонад, вале баъд аз завол танҳо фарзро қазо медорад.

Ҳар гоҳ намозгузор ба хотири пайвастан ба ҷамоат ва ё ба сабаби тангии вақт суннати намози бомдодро тарк карда, танҳо фарзи онро хонда бошад, қазои онро на қабл аз завол ва на баъд аз он ба ҷо намеоварад.[2]

Дар намози пешин ҳар гоҳ суннатро нахонда, ба ҷамоат бирасад, бояд ба он бипайвандад, гарчанде бо вуҷуди хондани суннат, имкони дарёфти миқдоре аз ракъатҳои ҷамоат барои ӯ муяссар бошад ва ё набошад ва қазои онро баъд аз хондани фарз ба ҷой оварад.

Қазои суннатҳои дигар ба ғайр аз ду намози зикршуда – суннати намози бомдод ва суннати пеш аз фарзи пешин ба ҷо оварда намешаванд.

ҲОЛАТҲОЕ, КИ ҲУЗУР ДАР ҶАМОАТРО АЗ НАМОЗГУЗОР СОҚИТ МЕСОЗАНД

Ҳозир гаштан ба намози ҷамоат бо яке аз сабабҳои зерин аз намозгузор соқит мегардад:

1. Борони сахте, ки роҳи масҷидро душвор-

[1] Назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва дар ривояте аз ҳанбалӣ мунфарид (танҳогузор) вақте ният карда бошад, наметавонад бо тағйири ният ва бе қатъи намоз ба ҷамоат бипайвандад. Дар назди машоихи шофеъӣ ва дар ривояте аз ҳанбалӣ қатъи намоз барояш шарт нест, метавонад нияташро тағйир дода ҳамон тавр ба ҷамоат дохил шавад, хоҳ дар аввали намоз бошад, хоҳ чанд ракъате гузорида.

[2] Ин назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) аст, назди имом Муҳаммад (рҳ(метавонад қазои онро пас аз фарз то пеш аз баромадани офтоб ва ё баъд аз он то завол ба ҷой оварад.

гузар намояд.

2. Сардӣ ва сармои сахт.

3. Тарс бар ҷон, аҳлу аёл ва ё бар моли худ, агар ба ҷамоат ҳозир шавад.

4. Торикии сахт.

5. Зиндонӣ будан.

6. Нобиноӣ.

7. Фалаҷ будан.

8. Қатъ будани дасту пой.

9. Ранҷурӣ (ҳар гуна дардҳои ориз ва сахте, ки муваққатан монеи ҳузури шахс ба намози ҷамоат мегарданд).

10. Гирифторӣ ба дарди музмин (касалии барҷомонда).

11. Лойу чал будани роҳҳо ва кӯчаҳо.

12. Пирамардӣ ва солхӯрдагӣ.

13. Ҳозир шудани таом дар ҳолати гурусна-гии сахт.

14. Қасди сафар ва омодабош барои он.

15. Парастории аз бемор.

16. Боду тӯфони сахт дар шаб.

Баъзе аз ин узрҳо ва ё ҳолатҳо ом буда, ба ҳама яксон тааллуқ доранд, ба монанди барфу борон, сармои сахт, торикии сахт, лойу чали роҳ ва боду тӯфони сахт. Ҳолатҳои дигар хос буда, барои шахсони алоҳида пеш меоянд. Дар ҳолатҳои умумӣ ҳузур дар ҷамоат аз ҳама ба таври яксон ва дар ҳолатҳои хусусӣ аз одамони алоҳида соқит мегардад, яъне барои намозгузор ҷоиз ва рухсат аст, ки намозро дар манзилаш гузорад. Аммо агар касе бо вуҷуди ҳолатҳои фавқ ба намози ҷамоат ҳозир шавад, намозаш дуруст ва он беҳтар аст.

Ривоят шуда, ки Ибни Умар (рз) шаби сард ва тӯфоние азон дод ва гуфт: **«Ало, саллӯ фи-р-риҳол – Эй, дар борҳо (манзилҳо) намоз гузоред!»**. Он гоҳ фармуд: Расули Худо (с) мунодии худро, вақте шаби сарду боронӣ мешуд, амр мекард, ки бигӯяд: **«Ало, саллӯ фи-р-риҳол! – Дар манзилҳо намоз гузоред!»** ва дар ривояте: дар шабҳои боронӣ ва сарду тӯфонӣ мунодияшро амр мекард, ки бигӯяд: **«Ало, саллӯ фӣ риҳоликум! – Дар манзилҳоятон намоз гузоред!»**[1]

Ривоят шуда, ки Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) рӯзи бороне ба муаззини хеш гуфт: Вақте **«Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳ, ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ»** гуфтӣ, **«Ҳайя ъала-с-салоҳ»** нагӯй ва ба ҷои он: **«Саллӯ фӣ буютикум – Дар хонаҳоятон намоз гузоред»** бигӯй! Мардум мисли ин ки онро инкор намуданд – нохуш доштанд. Абдуллоҳ фармуд: Оё аз ин кор тааҷҷуб намудед, дар ҳоле ки ин корро он Зоте, ки аз ман беҳтар аст (расули Худо (с), анҷом дода буд!? Намози ҷумъа азимат аст, вале ман нахостам шуморо ба ҳарақ афканам ва дар миёни лойу чал роҳ биравед.[2]

БАЪЗЕ МАСОИЛЕ, КИ БАЪД АЗ ФОРИҒ ГАШТАНИ ИМОМ АЗ НАМОЗ МУҚТАДӢ БОЯД АНҶОМ ДИҲАД Ё НАДИҲАД

1. Агар имом пеш аз он ки муқтадӣ «Аттаҳийёт»-ро тамом намояд, салом диҳад, муқтадӣ «Аттаҳийёт»-ро тамом намуда, пас аз он салом диҳад, зеро пурра тамом кардани «Аттаҳийёт» аз воҷиботи намоз аст.

2. Агар дар рукӯъ ва ё дар саҷда пеш аз се бор тасбеҳ гуфтани муқтадӣ имом сари худро бардорад, лозим нест, ки муқтадӣ се бор тасбеҳро такмил намояд, балки аз имом мутобиат (пайравӣ) намуда, сарашро бардорад.

3. Агар имом дар намоз як саҷдае зиёд намояд, ё баъд аз қаъдаи ахир ба фаромӯшӣ ба сӯи хестан ҳаракат намояд, дар ин сурат муқтадӣ набояд имомро мутобиат намояд, балки ӯро фатҳа (луқма) диҳад, то ба хотир оварда, баргардад. Вале агар имом ба қиёми (хезиш) худ идома диҳад ва ракъати панҷумро бо саҷда мукаммал созад, муқтадӣ танҳо салом диҳад.

4. Агар имом пеш аз қаъдаи ахир ба фаромӯшӣ ба сӯи қиём ҳаракат намояд, муқтадӣ ҳаракат нанамояд, балки имомро фатҳа диҳад, то баргардад. Агар имом бо вуҷуди фатҳаи муқтадӣ барнагардад, дар ин сурат агар муқтадӣ пеш аз он ки имом ракъати панҷумро

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 632; Саҳеҳи Муслим, 1598-600 (697)-22-24. Дар ривояти Бухорӣ омадааст, ки ин кор – амри расули Худо (с) ба мунодияш дар сафар буда.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 616, 668, 901; Саҳеҳи Муслим, 1602-607 (699)-26-30. Гарчанде дар миёни мусулмонон имрӯз гуфтани ин калимаҳо аз сӯи муаззинҳо маъмул нест, вале аз назари фиқҳӣ гуфтани онҳо пас аз азон барои огоҳ намудани мусулмонон аз вазъи боду ҳавои берун ҷоиз ва маснун аст. Ин аст тасомуҳ ва фазои пурбори маънавӣ дар арзишҳои исломӣ.

бо саҷда мукаммал намояд, салом диҳад, намозаш фосид мегардад.

5. Дар сурате ки имом «Аттаҳиёт»-ро хонда бошад, салом додани муқтадӣ пеш аз салом додани имом макрӯҳ аст.

МАСЪАЛАҲОИ БЕРУН ШУДАН АЗ МАСҶИД

Берун шудан аз масҷид ҳангоме ки садои азон шунида мешавад, бидуни хондани намоз макрӯҳ аст, магар барои имом ё муаззин ва ё ҳар он касе, ки танзим ва баргузории намоз дар масҷиди дигаре ба ӯ вобаста бошад. Берун омадани онҳо пеш аз хондани намоз макрӯҳ нест.

Барои касе, ки намозашро хондааст, хориҷ шудан аз масҷид баъд аз азон ҳам макрӯҳ нест, магар ин ки дар намози пешин ва хуфтан, агар баъд аз азон иқоматро ҳам гуфта бошанд, дар он сурат берун омадан ҳатто барои он касе, ки намозашро хондааст, низ макрӯҳ мебошад. Зеро пас аз ин ду намоз, агар фарзашро қаблан хонда бошад, боз метавонад ба ҷамоат бипайвандад ва намозашро бори дигар ҳамчун нафл ба ҷой оварад, вале дар дигар намозҳо ҳатто баъд аз иқомат ҳам берун шудан мушкиле надорад.

ЗИКРҲОИ МАСНУН ВА МУСТАҲАБ ДАР ҚАВМА ВА ҶАЛСА

Зикр ва тасбеҳе, ки дар қавма гуфта мешавад, дар ҳадисҳои паёмбар (с) бо чаҳор сурат ривоят гардидааст:

I. ***Аллоҳумма раббано ва лака-л-ҳамд:***

اَللّٰهُمَّ رَبَّنَا وَلَكَ الْحَمْدُ

II. ***Аллоҳумма раббано лака-л-ҳамд:***

اَللّٰهُمَّ رَبَّنَا لَكَ الْحَمْدُ

III. ***Раббано ва лака-л-ҳамд:***

رَبَّنَا وَلَكَ الْحَمْدُ

IV. ***Раббано лака-л-ҳамд:***

رَبَّنَا لَكَ الْحَمْدُ

Фақеҳони киром бо истинод ба суханони паёмбар (с) доираи ин зикрро барои намозгузор васеъ донистаанд ва фармудаанд: Ҳар ривояте, ки дар он калима ва ҳарфе зоидтар аст, гуфтани он авлотар мебошад. Дар «Дурру» омадааст: Афзалтарини ин чаҳор тариқа *«Аллоҳумма раббано ва лака-л-ҳамд»* (яъне бо калимаи *«Аллоҳумма»* ва ҳарфи *«ва»)* мебошад. Он гоҳ бо ҳазфи *«ва»* ва субути *«Аллоҳумма»,* яъне *«Аллоҳумма раббано, лака-л-ҳамд»,* сипас бо ҳазфи *«Аллоҳумма»* ва субути *«ва»,* яъне *«Раббано ва лака-л-ҳамд»* ва охир *«Раббано лака-л-ҳамд»* ба ҳамин тартиб мебошад.

Дар ҷалса низ дар ривоятҳое аз паёмбар (с) ин дуо омадааст:

اَللّٰهُمَّ اغْفِرْ لِي وَارْحَمْنِي وَعَافِنِي
وَاهْدِنِي وَارْزُقْنِي.

«Аллоҳумма-ғфир лӣ варҳамнӣ ва ъофинӣ ваҳдинӣ варзуқнӣ».

Дуо ва зикрҳои дигаре низ дар қавма ва ҷалса аз паёмбар (с) ривоят шудаанд. Машоихи киром, аз ҷумла соҳиби «Радду-л-мухтор» дуои мағфиратро дар миёни ду саҷда мустаҳаб медонад, вале ба хотири дароз нагаштани намози ҷамоат нагуфтани онро беҳтар донистаанд. Зеро дар намози ҷамоат риояи ҳоли намозгузорон зарурӣ мебошад ва набояд бо хондани дуоҳои мустаҳаб заминаи нороҳатии намозгузорон ва парешонии ҳоли пирамардону беморон фароҳам гардад.

Аммо вақте шахс танҳо намоз мегузорад, чи фарз бигузорад, чи нафл, ҳар қадаре хоҳад, метавонад онро дароз намояд ва тамоми зикрҳои мустаҳаб ва маснунро ба ҷой оварад. Гузашта аз ин, ин дуоҳо ва зикрҳо бештар дар намозҳои нафл ва шаб аз он ҳазрат (с) ривоят гардидаанд.

Ба ҳар ҳол, имом бояд ба фароиз, воҷибот, суннатҳо ва мустаҳабботи намоз ҳатман эътибор диҳад, вале ба он андоза ба баъзе мустаҳаббот начаспад, ки намозгузоронро аз ҷамоат гурезон созад.

Имом пас аз итмоми фарз агар намози суннат ва ё нафле бигузорад, пас суннат аст, ки ҷояшро тағйир диҳад ва онро дар маконе, ки фарзро ба ҷой овардааст, нагузорад. Барои муқтадӣ ҳам мустаҳаб аст, ки чунин кунад ва ё дар миёни фарз ва суннат бо зикру тасбеҳ ва ё кори дигаре фосила андозад ва ё суннатро дар хонааш бигузорад.

Аз Алӣ (рз) ривоят шуда: *«Суннат аст, ки имом то ҷояшро тағйир надиҳад, намози нафл нагузорад»*.[1] Аз Муғира ибни Шуъба (рз), Абуҳурайра (рз) ва дигарон низ бо санадҳои ҳасан ва саҳеҳ ривоятҳое ба ин маъно собит шудааст.

ЗИКРҲОИ МАСНУН ВА МУСТАҲАБ БАЪД АЗ ФАРЗҲОИ НАМОЗ

Баъд аз салом додан аз фарзҳои намоз дуоҳо ва зикрҳои гуногуне аз паёмбар (с) ривоят гардидааст. Ривоятҳои зиёде дар китобҳои ҳадис дар ин бора омадааст, ки собит месозанд: Расули Худо (с) пас аз фарзи ҳар намозе ба зикру дуо машғул мегашт, зеро баъд аз фарзҳо дуо ба иҷобат наздиктар аст.

Аз Абуумомаи Боҳилӣ (рз) ривоят шудааст, ки боре аз расули Худо (с) пурсида шуд: «Эй расули Худо, кадом дуо ба иҷобат наздиктар аст? Фармуд: ***«Дуое, ки дар охири шаб ва баъд аз намозҳои фарз бошад»***.[2]

Аз Савбон (рз) ривоят шудааст, ки «Расули Худо (с) вақте салом медод (аз намоз фориғ мешуд), се бор: ***«Астағфируллоҳ»*** ва баъд аз он ***«Аллоҳумма, анта-с-салому ва минка-с-салом, табораста ё За-л-ҷалоли ва-л-икром»*** мегуфт».[3] Гоҳе фақат ***«Аллоҳумма, анта-с-салому ва минка-с-салом, табораста ё За-л-ҷалоли ва-л-икром»*** мегуфт.[4]

1. Дуоҳо ва зикрҳои кӯтоҳ, миёна ва дароз ҳар кадомеро намозгузор бихонад, ҷоиз аст. Расули Худо (с) бар ҳасаби аҳвол ва гунҷоиши фурсатҳо гоҳе кӯтоҳ, гоҳе миёна ва гоҳе ҳам зикру дуоҳои дароз менамуд. Аз ҳадиси Оиша (рз) дуои кӯтоҳ, аз ҳадиси Муғира ибни Шуъба (рз) дуои миёна ва аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) дуо ва зикри дароз собит гардидааст.

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) вақте намози худро тамом мекард, танҳо ба миқдори гуфтани ***«Аллоҳумма, анта-с-салому ва минка-с-салом, табораста ё За-л-ҷалоли ва-л-икром»*** менишаст. Яъне биайниҳи ва ҳамеша ин зикрро намекард, балки он лаҳзаҳое, ки менишаст, гунҷоиши ҳамин қадар зикрро доштанд. Ин муайян намудани миқдори нишасти паёмбар (с) ба таври тақрибист ва бо ривояти Муғира ва Абдуллоҳ мухолифате надорад, зеро ривояти онҳо таҳқиқӣ ва айни зикр аст, ки аз назари замонӣ бо ҳам фарқи чандоне намекунанд.

Дар Саҳеҳайн аз Муғира ибни Шуъба (рз) омадааст, ки паёмбари акрам (с) пас аз фарзи ҳар намозе ин дуоро мекард:

«Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Аллоҳумма, ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу залҷадди минка-л-ҷадду».[5]

Дар Саҳеҳи Муслим аз Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) омадааст, ки вақте расули Худо (с) аз намозе салом медод, бо садои баланд мегуфт:

«Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ ва ло наъбуду илло ийёҳу, лаҳу-н-ниъмату ва лаҳу-л-фазлу ва лаҳу-с-саноул ҳасану. Ло илоҳа иллаллоҳу мухлисина лаҳу-д-дин ва лав кариҳа-л-кофирун.[6]

Саъд (рз) ба писаронаш калимаҳои зеринро ёд медод ва мегуфт: Расули Худо (с) онҳоро баъд аз намоз мехонд:

«Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мина-л-ҷубни ва аъузу бика мина-л-бухли ва аъузу бика мин арзали-л-ъумури ва аъузу бика мин фитнати-д-дунё ва ъазоби-л-қабри».[7]

Дар ривояти Каъб ибни Уҷра (рз) омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: *«Муаққибот (зикрҳо ва калимаҳо)-е вуҷуд дорад, ки гӯяндаи он ҳеҷ вақт (дар назди Худо) ноком намегардад. Баъд аз ҳар намозе сиву се (33) бор «Субҳоналлоҳ», сиву се (33) бор «Алҳамду лиллоҳ» ва сиву чаҳор (34) бор «Аллоҳу акбар» бигӯяд».*[8]

---

[1] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 3. – С. 90. Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 2. бахши 4. – С. 348-350.

[2] Сунани Тирмизӣ, 3499; Фатҳу-л-борӣ, 11/113.

[3] Саҳеҳи Муслим, 1333; Сунани Абудовуд, 1513; Сунани Тирмизӣ, 300; Сунани Насоӣ ,1336; Сунани Ибни Моҷа, 928.

[4] Саҳеҳи Муслим, 1334 (592)-136, 1335, 1336; Сунани Абудовуд, 1512; Сунани Тирмизӣ, 298, 299; Сунани Насоӣ, 1337; Сунани Ибни Моҷа, 924.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 844, 6330, 6473, 6615, 7292; Саҳеҳи Муслим, 1337 (593)-137, 1338 (…)-138, 1339, 1340; Сунани Абудовуд, 1505; Сунани Насоӣ, 1340, 1341.

[6] Саҳеҳи Муслим, 1338 (594)-139; Сунани Абудовуд, 1506; Сунани Насоӣ, 1338.

[7] Саҳеҳи Бухорӣ, 2822, 6365, 6370, 6374, 6390; Сунани Тирмизӣ, 3567.

[8] Саҳеҳи Муслим, 1348 (596)-144, 1349 (…)-145, 1350; Сунани Тирмизӣ, 3412; Сунани Насоӣ, 1348.

Ин зикрро тасбеҳи фотимӣ низ мегӯянд, зеро расули Худо (с) ин калимаҳоро ба ҳазрати Фотима (рз) низ ёд дода буд.[1] Ва ғайри инҳо дигар зикрҳое, ки аз он ҳазрат (с) собит шудаанд. Аз ҷумла, хондани сураи ***«Ихлос», «Муаввизатайн», «Оята-л-курсӣ»*** ва ғайра баъд аз баъзе намозҳо аз он ҳазрат (с) собит шудаанд.

Аз маҷмӯи ривоятҳои боб зоҳиран бармеояд, ки расули Худо (с) пас аз фарзи ҳар намозе дар таносуб бо гунҷоиши вақт интихобан баъзе аз ин зикрҳо ва дуоҳоро мекард ва ҳамаи онҳоро якҷоя пас аз ҳамаи фарзҳо анҷом надодааст. Бинобар ин, ҳар ровӣ он чиро, ки аз расули Худо (с) шунида, ҳамонро ривоят кардааст. Аммо пас аз намози бомдод ва аср, ки дигар суннате вуҷуд надорад, азкори бештар ва баъзан дарозе аз он ҳазрат (с) собит шуда ва тибқи фармудаи порае аз ривоятҳо зикру тасбеҳи ӯ гоҳе то тулӯи офтоб дар намози бомдод ва то ғуруби он дар аср идома ёфтааст. Аз Ҷобир ибни Самура (рз) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Паёмбар (с) вақте намози бомдодро мегузорид, дар мусаллояш менишаст, то офтоб хуб тулӯъ кунад»***.[2]

2. Вале дар намозҳое, ки баъд аз фарзҳо суннат вуҷуд дорад, ба мисли намозҳои пешин, шом ва хуфтан, беҳтар он аст, ки фосилаи зиёде миёни фарз ва суннат андохта нашавад. Тариқаи маснун ва собитшуда аз расули Худо (с) он аст, ки миёни фарз ва суннат як миқдоре фосила ва ҷудоӣ оварда шавад, вале начандон тӯлонӣ ва дарозе, ки суннат комилан ба таъхир афтад.[3]

Он миқдор фосилае, ки маснун аст, ҳамон гуна ки дар ривоятҳо дидем, бинобар аҳвол ва фурсатҳои ҳар намозгузоре гуногун мебошад. Ҳеҷ кас ҳам ба риояи як миқдори муайян маҷбур нест. Фақеҳони киром ва машоихи мазҳаб аз маҷмӯи ривоятҳо чунин истинбот намудаанд, ки баъзе аз он зикрҳоро ба мобаъди суннатҳо мавкул намудан (вопас гузоштан) низ ҷоиз мебошад. Зеро суннатҳои равотиб – қабл ва баъд аз фарзҳо дар асл аз тавобеъ ва лавоҳиқ ва аз ҷумлаи мукаммилоти фарзҳо ба шумор мераванд, гарчанде ба зоҳир чизе ҷудо аз онҳо бошанд. Дар ҳадиси саҳеҳе омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Аввалин амале, ки банда рӯзи қиёмат аз он бозхост ва муҳосаба мешавад, намоз аст, агар он ба салоҳ ояд, растагор ва комёб шавад ва агар фосид ояд, навмеду зиёндида гардад. Пас агар дар фаризааш нуқсоне мушоҳида шавад, Парвардигори азза ва ҷалла гӯяд: Бубинед, ки оё бандаам таттаввуъ ва нофилае дорад, то нуқсони фаризааш бо он такмил гардад. Он гоҳ тамоми аъмолаш ба ин минвол бошад»***.[4]

Ба таври хулоса, он чи аз маҷмӯи ривоятҳои гуногун ва гуфтаҳои машоихи мазҳаб бармеояд, пас аз фарзи ҳар намозе даст бардошта, дуо ва зикр намудан ва дар охир дастҳоро ба рӯй молидан мустаҳаб аст. Баъд аз фарзҳо ҳамроҳи имом ба сурати ҷамоат даст бардошта ва ба дуои вай омин гуфтан ҷоиз аст ва танҳо дуо намудан низ боке надорад. Муҳаммад ибни Яҳёи Асламӣ мефармояд: Абдуллоҳ ибни Зубайрро дидам ва мардеро дид, ки пеш аз фароғ аз намоз даст ба дуо бардоштааст ва чун аз намоз фориғ шуд, фармуд: *«Расули Худо (с) то аз намоз фориғ намешуд, дастонашро намебардошт»*.[5]

---

[1] Ривоят шудааст, ки Фотима (рз) аз паёмбар (с) хидматгоре хост. Он ҳазрат (с) ба онҳо (Фотима ва Алӣ) гуфт: ***«Оё шуморо ба коре роҳнамоӣ кунам, ки бароятон аз ходим беҳтар аст? Вақте ба бистари хоб рафтед, сиву се бор «Алҳамду лиллоҳ», сиву се бор «Субҳоналлоҳ» ва сиву чаҳор бор «Аллоҳу акбар» мегӯед»*** (Сунани Тирмизӣ, 3408, 3409).

[2] Саҳеҳи Муслим, 1524 (670)-287. Дар фазилати зикр ва тасбеҳу таҳлил пас аз намози бомдод то тулӯи офтоб ва пас аз намози аср то ғуруби он аҳодис ва осори зиёде ривоят шудааст, ки барои мутолиаи онҳо ба китобҳои азкор ва дигар манобеи ҳадисӣ муроҷиат шавад.

[3] Ба таъхир андохтани суннатҳои баъд аз фарзҳо ба андозаи зикрҳое, ки аз расули Худо (с) пас аз фарзҳо собит шудааст ва ё каме бештар аз он, ҷоиз ва маснун аст. Ҳамчунин ба таъхир андохтани онҳо ба қадри масофае, ки одам ба манзилаш мерасад, ҷоиз аст, зеро собит шуда, ки расули Худо (с) аксари суннатҳои қаблиро пеш аз омадан ба масҷид ва баъдиро пас аз баргашт ба хонааш мугузорид. Аммо бе узр соатҳо ба таъхир андохтани онҳо ва ё то охири вақт ба таъхир андохтани онҳо пас аз гузоридани фарз дар аввали вақташ кароҳият дорад.

[4] Сунани Тирмизӣ, 413.

[5] Суютӣ онро дар Фаззу-л-виъо фӣ аҳодиси рафъи-л-ядайни биддуо (42. – С. 86) ривоят карда, ровиёнашро сиқа гуфтааст.

Илова бар ин, дар бораи бардоштани дастон ба дуо пас аз намозҳои фарз аҳодисе ривоят шуда, ки ҳеҷ кадоми онҳо аз заъф холӣ нестанд, вале ба гуфтаи соҳиби Эълоу-с-сунан (Ҷ. 2. – С. 200, 201) онҳо дар маҷмӯъ тақвият мешаванд (ва ба дарачаи ҳадиси ҳасан мерасанд), дар ҳоле ки назди ҷумҳури аиммаи ҳадис барои амал ба фазоил истинод ба ҳадиси заъиф (вақте заъфаш

Дар намозҳое, ки баъд аз фарзҳо суннат вуҷуд дорад, зикри миёнае намудан ва боқии зикрҳо ва дуоҳоро ба мобаъди суннат мавкул намудан низ ҷоиз мебошад. Зеро вақте суннатҳо аз лавоҳиқ ва мукаммилоти фарзҳо буда бошанд, зикру дуо пас аз онҳо низ машмули муҳтавои аҳодисе мегардад, ки дуоро дар поёни намозҳои мактуба (фароиз) мустаҷоб медонанд.

Вале бораи зикрҳо ва дуоҳое, ки ба мобаъди суннатҳо мавкул гардидаанд, мунтазири имом нишастан ва ба сурати ҷамоъӣ даст бардоштан ва дуо кардан ҳаргиз аз паёмбар (с) ва саҳобаи киром чизе собит нашудааст. Аз ҷониби фақеҳони киром ва машоихи мазҳаб низ дар ривоятҳои зоҳири мазҳаб ҳеҷ гуна асар ва қавле доир ба машрӯияти он ворид нагардидааст.[1] Он чи аз суннати феълии расули Худо (с) собит шуда ва дар аҳодиси қавлӣ бар он таъкид гардида, ин аст, ки он ҳазрат (с) ғолибан намозҳои суннат ва навофилро дар хонааш мехонд ва пас аз он дигар барои дуо ба масҷид барнамегашт ва саҳобагони киром низ бар ин суннат мувозабат намудаанд. Соҳиби «Эълоу-с-сунан» онро бидъат, бар хилофи вусъати доираи амал дар ислом ва навъе тазйиқ бар имом ва намозгузорон дар он ҷое ки аз сӯи шаръ таклиф ва талабе дар он ворид нашуда, донистааст (Ҷ. 3. – С. 205-207).[2]

Намозгузорон пас аз салом додани имом ва фориғ шудан аз намоз, агар кор ва шитобе дошта бошанд, метавонанд (ҷоиз аст) бархоста раванд ва мунтазири баргашти имом ба сӯи қавм нашаванд, ҳамон гуна ки агар кор ва шитобе надошта бошанд, мустаҳаб аст, ки бинишинанд ва ба зикрҳои маснуни пас аз намоз пардозанд. Аз Ибни Масъуд (рз) ривоят шуда, ки фармуд: *«...Вақте имом салом дод ва барнахест ва (ба сӯи қавм) барнагашт ва туро ҳоҷат ва коре бошад, бирав ва ӯро ба ҳолаш бигузор, зеро намози ту тамом шудааст»*.[3] Ба гуфтаи соҳиби «Эълоу-с-сунан» ҷавози ин амр назди аимма иҷмоъист ва аз ҳеҷ касе дар он қавли хилофе собит нашудааст (Ҷ. 3. – С. 193).[4]

ҷиддӣ набошад) низ ҷоиз аст.

[1] Барои огоҳии бештар ба китобҳои зерин мурочиат шавад: Маҳмуду-л-фатово. Ҷ. 1. – С. 134, 138; Эълоу-с-сунан. Ҷ. 2. – С. 184, 208; Маорифу-с-сунан. Ҷ. 3. – С. 122.

[2] Вай дар идома афзуда: Зеро бар асоси таълимоти шаръ хондани азкор ва дуоҳо пас аз фарзи намозҳо ва ҳамчунин вақте қисмате аз онҳо ба мобаъди суннатҳои баъдӣ мавкул мегарданд, ба худи ҳар намозгузор ба таври алоҳида тааллуқ дорад ва онҳоро нишаста ва ё бахоста ба ҷой овардан ва ё баромада рафтан бо таносуб ба кору бор ва ҳоли ҳар намозгузор ҷоиз аст. Қуръони карим ин матлабро дар ояти марбут ба намози ҷумъа бо сароҳат зикр намудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Ва чун намоз анҷом дода шуд ва ба поён расид, пас дар рӯи замин мунташир шавед ва аз фазли Худо биҷӯед ва Худоро бисёр ёд кунед, шояд, ки шумо растагор гардед!»*** (Сураи Ҷумуъа, 62: 10).

Дуои якҷоя пас аз анҷоми суннатҳо ва навофил дар ақтори Ҳинд ба таври пайваста ва бо илтизоми имом ва қавм маъмул гашта, ҳатто баъзе мардуми авом онро зарурӣ ва воҷиб медонад, агар имом дар он ба таъхир ва даранге роҳ диҳад, ба вай эътироз мекунанд... ва имоме, ки ба он амал накунад, ӯро барканор месозанд ва аз вай хурдагирӣ ва айбҷӯӣ мекунанд ва ё аз қафои касе, ки дар ин маврид ба мисли онҳо амал накунад, намоз намегузоранд. Ба Худо, ки ин амр дар дин муҳдас (бидъат ва навпайдо) аст.

Аммо дар мавридҳои хос ва ҳолатҳои ниёзи умумӣ вақте зарурат тақозо намояд, муъминон дар тамоми авқот – пас аз намоз, пеш аз намоз ва вақтҳои дигар метавонанд ба таври ҷамоъӣ даст ба дуо бардоранд ва ҳалли мушкил ва ё рафъи балоро аз сари худ аз Худо талаб намоянд, ба ин тариқ ки яке дуо кунад ва дигарон омин гӯянд, ҳамон гуна ки дар боби дуои истисқо аз он ҳазрат (с) ривоят шудааст. Дар ҳадисе, ки Табаронӣ дар Муъҷаму-л-кабир (6/255) онро ривоят карда ва Ҳайсамӣ дар Маҷмаъ (17341. – Ҷ. 10. – С. 193) ровиёни онро ровиёни Саҳеҳ гуфтааст, омада: ***«Ҳеҷ қавме дастони худро ба сӯи Худои азза ва ҷал(л) барои суол ва дархости чизе набардоштаанд, магар ин ки бар Худованд ҳақ буда, ки суол ва пурсидаашонро бар дастонашон бигузорад»***.

[3] Маҷмаъу-з-завоид, 2419. – Ҷ. 2. – С. 186. Ҳайсамӣ ровиёни онро сиқа гуфтааст. Дар ривояти дигар бо санади саҳеҳ омадааст, ки Ибни Масъуд (рз) фармуд: *«Вақте имом салом дод ва мард ҳоҷат ва коре дошта бошад, мунтазири ӯ нашавад, то ба ҷонибаш рӯй оварад. Хотимаи намоз ва берун гаштан аз он бо салом аст»* (Маҷмаъу-з-завоид, 2887. – Ҷ. 2. – С. 285).

Ин ривоятҳо назари аиммаи ҳанафиро бар истиҳбоби зикрҳо ва дуоҳои пас аз фарзҳо таъйид менамояд ва аҳодиси қавлӣ ва феълие, ки дар ин бора аз расули Худо (с) собит шудаанд, бар истиҳбоби он ҳамл мешаванд, зеро агар болотар аз он, яъне суннат мебуданд, пас тарки онҳо дар чунин ҳолатҳо низ ҷоиз набуд.

[4] Он чи дар матн баён гардид, хулосаи таҳқиқе буда, ки дар сарчашмаҳои аввали шаръ ва матнҳои муътабари мазҳаб анҷом гирифтааст. Аммо бар пояи урфи роиҷ мисли мардум, оммаи намозгузоронро таомул бар он аст, ки пас аз намозҳои панҷвақта, ба ҷуз намози шом, ба зикрҳои баъд аз намоз мепардозанд, он гоҳ ҳамроҳи имом (дар намози ҷамоат) даст ба дуо мебардоранд, се бор дуо мекунанд ва баъд аз ҳар дуо дастони худро табаррукан ба рӯй мемоланд. Ва пас аз намози шом аксаран бидуни ин ки ба зикре пардозанд, дуои мухтасаре мекунанд.

Аммо набояд барои ислоҳи чунин чизҳое дар миёни мардум ба ихтилофоти куллӣ ва кашмакашҳои бемаъно даст зад, зеро ҳифзи иттиҳоду якпорчагии миллат ва ваҳдати мусулмонҳо аз муҳимтарин фароизи иҷтимоии ислом мебошад. Ислоҳи корҳои динӣ набояд аз роҳи барангехтани фитнаву ошӯб ва додани дастовезе ба дасти ғаразҷӯён сурат бигирад.

3. Имом пас аз салом додан ба ҷониби рост ё чапи худ баргашта ва ё рӯй ба ҷониби намозгузорон намуда, барои зикр менишинад. Агар намозҳое бошад, ки пас аз фарз дигар суннате вуҷуд надошта бошад, ба мисли намози бомдод ва аср, ин кор барои имом муҳим ва зарурӣ мебошад, зеро пас аз онҳо зикрҳои зиёде мекунанд, вале он кор воҷиб намебошад. Дар ғайри он ду намоз ин кор мустаҳаб мебошад ва тарки он на дар ҳолати аввал ва на дар ин ҳолат ҳеҷ гуна гуноҳ ва сарзанише, на барои имом ва на барои намозгузорони дигар ба бор намеоварад.

4. Дар намозҳое, ки баъд аз фарзҳо суннате вуҷуд дорад, агар намозҳои суннатро дар масҷид бигузоранд, пас беҳтар аст, ки ҷои худро иваз намоянд ва каме аз ҷои фарз дуртар биистанд. Вале намозҳои суннат ва нафлро беҳтар аст дар хона ва ё ҳар ҷое, ки аз чашми мардум дуртар аст, бигузоранд.[1]

ДАСТ БАРДОШТАН БА ДУО

1. Бардоштани дастон ба ҳангоми дуо бо аҳодиси саҳеҳ собит ва он яке аз одоби дуо дониста шудааст. Аз Салмони Форсӣ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: **«Парвардигори шумо зиндаву карим аст. Аз бандаи худ шармаш ҳамеояд, ки чун дастони худро ба сӯи Ӯ ба дуо бардорад, онҳоро ҳамчунон тиҳӣ (холӣ) бозгардонад»**.[2] Аз Анас (рз) низ ривоят шуда, ки фармуд: «**Расули Худо (с)-ро дидам, *ки дастони худро* ба ҳангоми дуо мебардошт, то он ки сафедии зери бағалҳояш дида мешуд»**.[3]

Илова бар аҳодисе, ки дар онҳо бардоштани дастҳо ба ҳангоми дуо таҳсин ва тавсия шудааст, боз собит шуда, ки расули Худо (с) дар дуои истисқо, дар Арафот, дар Сафо ва Марва ва мавзеъҳои дигаре даст ба дуо бардоштааст. Ин матлабро Бухорӣ дар китоби «Даъавот», боби бардоштани дастҳо дар дуо собит сохта[4] ва Ибни Ҳаҷар дар шарҳи он даҳҳо мавриди дигарро бо санадҳои саҳеҳ ва ҳасан аз дигар манобеи ҳадисӣ зикр намуда, ки паёмбар (с) дар онҳо даст ба дуо бардоштааст.[5] Суютӣ дар Тадрибу-р-ровӣ овардааст, ки аз паёмбари акрам (с) ҳудуди сад ҳадис

---

[1] Паёмбар (с) мефармояд: «***Афзалтарин намоз*** ва дар лафзе: ***беҳтарин намоз намози шахс дар хонааш аст, магар намозҳои мактуба*** (мафруза)» (Саҳеҳи Бухорӣ, 731, 6113, 7290; Саҳеҳи Муслим, 1822 (871)-213). Дар ҳадиси дигаре омадааст: ***«Намози шахс дар хонааш афзал аст аз намозаш дар ин масҷиди ман, магар намози мактуба»*** (Сунани Абудовуд, 1044; Сунани Тирмизӣ, 450). Дар ҳадиси дигаре омадааст: Паёмбар (с) ба масҷиди банӣ Абдулашҳал омад ва намози шомро дар он гузорид. Вақте намозашонро ба ҷой оварданд, онҳоро дид, ки паз аз он (фарз) намоз мугузоранд (тасбеҳ мегӯянд). Гуфт: ***«Ин намози хонаҳост*** ва дар ривояти Тирмизӣ ва Насоӣ: мардуме гуфтанд: Намози нафл мегузоранд. Паёмбар (с) фармуд: ***Ин намозро дар хонаҳо бигузоред (ва бар худ лозим гиред!)»*** (Сунанни Абудовуд, 1300; Сунани Тирмизӣ, 604; Сунани Насоӣ, 1599; Мишкоти шариф, 1182).

Дар Миръот дар шарҳи ҳадиси дуюм овардааст: Зеро он (дар хона гузоридани намозҳои нафл) аз риё дуртар аст. Ин ҳадис бар мустаҳаб будани гузоридани намози нафл дар хона далолат мекунад ва ин ки дар хона гузоридани он аз феъли он дар масҷидҳо, ҳатто дар масҷидҳои фозила – Масҷидулҳаром, Масҷиди паёмбар (с) ва Масҷидулақсо афзал аст. Аммо он навофиле, ки ҷамоат дар онҳо машрӯъ аст, ба мисли намози идайн, намози истисқо, кусуф, таровеҳ ё он намозе, ки ба масҷид хос аст, ба мисли намози қудум аз сафар ва намози таҳийяи масҷид, пас аз ҳукми ин ҳадисҳо истисно ҳастанд ва онҳо бо ҷамоат баргузор мегарданд ё танҳо дар масҷид гузорида мешаванд (Мишкоту-л-масобеҳ маъа шарҳиҳи Миръотулмафотеҳ. – Ҷ. 4. – С. 325. Бе зикри ҷой ва соли чоп).

Ин аҳодис ба афзалийяти намози нафл дар хона ба таври умум далолат мекунанд, на ба мамнӯияти он дар масҷид, ба ин маъно ки гузоридани намози нафл дар масҷид низ ҷоиз аст, вале дар хона гузоридани он афзал аст. Аз ин гуфта низ чанд ҳолат истисно мешавад: Агар хонаи касе дуртар бошад ва имкони ба осонӣ рафтан ва гузоридани намозҳои нафл дар он барояш муяссар набошад ё аз бозор, ҷои кор ва макони дуртаре мустақим ба масҷид омада бошад ва рафтан ба хона барояш сангинӣ кунад, пас барои ин ашхос афзалийяти гузоридани намози нафл дар хона соқит мегардад.

Бар асоси ин аҳодис фуқаҳо намозгузори нофиларо ба ин тавсия кардаанд, ки вақте намози нафлро дар масҷид гузорид, агар имкон бошад, онро дар ҷое каноратар ва аз чашми мардум дуртар бигузорад. Мурод аз намози нафл тамоми намозҳои ғайри фарз аст, ки он суннатҳо ва воҷиботро низ дар бар мегирад.

[2] Сунани Абудовуд, 1488; Сунани Тирмизӣ, 3556.

[3] Саҳеҳи Муслим, 2071 (895)-5. Муслим онро дар боби рафъи ядайн ба ҳангоми дуо дар истисқо овардааст.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 6341 ва таълиқи пеш аз он.

[5] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 14. – С. 350-353.

ворид шуда, ки дар онҳо бардоштани дастонаш ба дуо дар қазияҳои мухталиф зикр гардидааст. Гарчи ҳар ҳадисе аз онҳо ба танҳоӣ ба ҳадди тавотур нарасида, вале қадри муштарак дар байни онҳо ин аст, ки аз маҷмӯи онҳо бардоштани дастон ба ҳангоми дуо ба тавотур расидааст ва ин тавотури маъноӣ аст.[1]

Ҳамчунин ба таври саҳеҳ собит шуда, ки расули Худо (с) дар мавзеъҳое ба ҳангоми дуо даст набардоштааст. Ба гуфтаи соҳиби Авну-л-маъбуд ба нақл аз Алиқорӣ расули акрам (с) дар мавзеъҳои зиёд ва гуногуне, ба монанди намоз, тавоф, ба вақти хоб, бархостан аз хоб, ҳангоми фароғ аз хӯрдани таом ва ғ. дуоҳои мухталифе намудааст, ки дар ҳеҷ кадоми онҳо даст набардоштааст.[2] Пас набардоштани дастҳо низ аҳёнан ба вақти дуо равиши маснун ва дар амал ҷоиз аст.

Аз равиши амалӣ ва суннати феълии расули Худо (с) дар робита бо бардоштани дастон ба вақти дуо ду ҳолат собит шудааст: дар мавзеъҳое дастони худро ба дуо бардошта ва дар мавзеъҳое набардоштааст. Пас пайравӣ аз он ҳазарат (с) дар ҳар ду мавзеъ, ҳамон гуна ки Алиқорӣ зикр намуда, амал ба суннат аст. Аммо дар аҳодиси қавлӣ он ҳазрат ба бардоштани дастон ба ҳангоми дуо тавсия намуда ва ҳеҷ мавзеъеро аз дигаре ҷудо накардааст, ки ба ҷавози он дар умум далолат мекунад. Пас ҳарчи гоҳе ва дар ҳар мавриде берун аз мавзеъҳои фавқ вақте шахс бихоҳад арзи ниёз ва дуое намояд, бар асоси мутлақи аҳодиси боб метавонад ва барояш ҷоиз аст, ки дар он даст бардорад ва ё бо пайравӣ аз сурати дуюм даст набардорад ва даст бардоштан авлотар аст.

Одамӣ ҳамеша ба дуо ва истионат аз Худо ниёз дорад ва дар омӯзаҳои шаръ низ ин ручӯъ ва рӯйкарди банда ба сӯи Павардигораш кори писандида ва беҳтарин ҳолати бандагӣ дониста шудааст. Аз сӯи дигар, барои ӯ ҳолот ва гардишҳое дар зиндагӣ пеш меоянд, ки аз ҳар ду мавридҳои мавҷуда дар суннати феълии он ҳазрат (с) берун буда ва шомили суннати қавлии он ҳазрат (с) дар боби дуо мегарданд, ки дуо, интихоби ибораи он муносиб ба ҳолаш ва ҳамин тавр бардоштан ва ё набардоштани дастонаш дар он тибқи тавсияҳои шаръ ба худи шахси дуогӯй мавкул гардидаанд.

Дар бораи бардоштани дастҳо пас аз дуои баъд аз намоз аз расули Худо (с) чизе собит нашуда, вале баъзе муҳаддисон ва аиммаи дин онро дар умум ва бо аҳодиси мутлақ дар бораи бардоштани дастон дар дуо ҷоиз донистаанд. Илова бар аҳодисе, ки дар бораи бардоштани дастҳо дар дуо ба таври мутлақ омадааст, аз рафъи онҳо дар дуоҳои пас аз намоз наҳйе ҳам аз сӯи шореъ ворид нашудааст.

2. Аз Умар ибни Хаттоб (рз) ривоят шуда, ки фармуд: *«Расули Худо (с) ҳар боре дастони худро ба дуо бармедошт, онҳоро пас аз дуо то ба рӯяш намемолид, поин намеовард».*[3] Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки фармуд: **«Расули Худо (с) вақте дуо мекард, каффи дастонашро бо ҳам мефишурд ва ботини онҳоро ба сӯи рӯяш мегардонд».**[4] Ваҳб гӯяд: Ибни Умар ва Ибни Зубайрро дидам, ки вақте дуо мекарданд, каффи дастонашонро ба рӯяшон давр медоданд.[5]

Тамоми ривоятҳои воридшуда дар бораи молидани дастон ба рӯй пас аз дуо ба сабаби вуҷуди ровиёни заъиф дар санади онҳо аз сӯи аксари асҳоби ҷарҳу таъдил заъиф дониста шуда ва молидани даст ба рӯйро пас аз дуо ҷоиз надонистаанд, вале баъзе муҳаддисон ва аҳли илм, ба монанди Ибни Ҳаҷар дар Булуғу-л-маром онҳоро дар маҷмуъ ҳасан гуфта ва амал ба онҳоро берун аз намоз ҷоиз донистааст ва назари баъзе аимма ва бузургони дин, мин ҷумла назари мураттибони Мавсӯаи фиқҳии Кувайтӣ[6] низ ҳамин аст. Зеро тибқи қавоиди ҳадисшиносӣ ҳадисе, ки дар яке аз ровиёни он заъфи нисбӣ ва камтаре, ба монанди суи ҳифз, тадлис, анъана, адами маъруфият (маҷҳулулҳолӣ) ва ғ. вуҷуд дошта ва бо ҳадиси саҳеҳе дар таоруз қарор нагирифта бошад, вақте аз роҳҳои гуногун ривоят шавад, маънояш тақвият меёбад ва дар маҷмӯъ ба дараҷаи ҳадиси ҳасан мерасад ва ин ҳадис аз ин қабил аст.

[1] Ҷалолуддини Суютӣ, Тадрибу-р-ровӣ фӣ шарҳи Тақриби-н-Навовӣ. – Ҷ. 2. – С. 174. – Риёз, 2003. Суютӣ мегӯяд, ки ин аҳодисро ба сурати ҷузъ – рисолаи алоҳидае даровардааст.

[2] Мирқоту-л-мафотеҳ. - Ҷ. 7. – С. 137.

[3] Сунани Тирмизӣ, 3386.

[4] Муъҷаму-л-кабир.

[5] ал-Адабу-л-муфрад, 609. Дар бораи молидани дастон ба рӯй пас аз дуо аҳодиси дигаре низ ривоят шуда, ки ҳеҷ кадоми онҳо аз заъф холӣ нестанд.

[6] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 20. – С. 262.

ДУО ВА ОДОБИ ОН

Дуо (ар.: دعاء хоҷат хостан ва ниёиш кардан) дар истилоҳи шаръ (масдар) ба маънои хондани ҷумлаҳои маъсур дар вақтҳои муайян барои талаби омурзиш ва бароварда шудани ҳоҷот, (исм) ба маънои дархости ҳоҷат аз Худо ва дар форсӣ бо лафзҳои кардан, гуфтан, расидан ва омадан истеъмол шавад. Дуо аз талаб ва дархости банда аз Худо ва ё он чи маъбуд ва корсоз мешуморад, иборат ва шомили умури моддӣ ва маънавӣ дар зиндагонии дунявӣ ва ухравӣ мегардад ва дар вазъи одӣ ва изтирорӣ барои расидан ба хостаҳо ё бардавомӣ ва истимрори доштаҳо ва ё барои рафъи нохушиҳо анҷом мегирад ва чун аз ниёзи фитрӣ ва фақри зотии инсон дар баробари маъбуд ва холиқи тавоно нашъат мегирад, аз назари таълимоти шаръ ҷавҳари ибодат, яке аз болотарин анвои зикри Худо, қурбат ҷустан ба пешгоҳи Ӯ ба шумор меравад ва дар қолаби аъмоли ибодатӣ ва ғолибан бо шаклҳои мавзуъбандишудаи ниёишӣ ба ҷой оварда мешавад. Ба фармудаи расули акрам (с): ***«Дуо дар зоти худ ибодат аст».*** Зеро воқеияти дуои банда ин аст, ки мехоҳад бо он раҳмат ва иноятии Худоро ба худ ҷалб намояд, худро дар мақоми бандагӣ қарор диҳад ва ибодат низ дар ҳақиқат дуо аст, зеро банда бо изҳори хузуъ ва фурӯтанӣ дар аснои ибодат худро дар мақоми бандагӣ қарор медиҳад ва иноятии Худоро аз мақоми рубубият ба худ ҷалб менамояд. Дар таъкиди ин воқеият Қуръон дар ояти 77-уми сураи Фурқон ба тафсире мефармояд: **«Агар дуоҳоятон набуд, Парвардгорам ба шумо ҳеҷ иноят ва илтифоте намедошт».**

Бар пояи аҳодиси боб дуо силоҳи муъмин, дарунмоя ва мағзи ибодат, нури осмонҳо ва замин, калиди дарҳои раҳмат, рамзи растагорӣ, шифои ҳар дарде, мӯҷиби афзоиши рӯзӣ ва солим мондан аз осебу газанди шайтон ва василае барои рафъи бало ва пешгирӣ аз нузули қазои бад дониста шудааст ва ба гуфтаи Қушайрӣ: «Дуо калиди ҳоҷот, паноҳи дармондагон ва марҳами (ҷони) бечорагон аст», ки бо иксири он дардҳои бедармон дармон, дилҳо ором, ғамҳо барчида ва гуноҳон шуста гарданд. Дуо дар адабиёти орифона ба авсофе, чун нардбони осмон, забони баёни дарди иштиёқ ба маҳбуб ва мукотаба ба дӯст, сухан гуфтан дар баробари ҳазрати Ҳақ ба забони шарм ва хидмате, ки банда ҷавореҳашро ба он меорояд, васф шудааст.

Қушайрӣ назари суфиёнро дар мавриди ин ки оё дуо кардан ва ҳоҷат ба даргоҳи Худо бурдан беҳтар аст ё сукут ва тан ба қазои илоҳӣ додан, ба чаҳор гуна тақсим кардааст: «Миёни мардум хилоф бувад, ки дуо афзал аст ё сукут ва ризо ба қазои рафта!? Баъзе гуфтаанд, ки дуо дар зоти хеш ибодат аст ва қиём ба ибодат аз тарки он авло бошад... ва тоифае гуфта, ки хомӯшӣ ва ба зери ҳукм (-и Ҳақ) фурӯ рафтан ва ризо ба он чи аз ихтиёри Ҳақ аз пеш рафта, тамомтар ва (аз дуо) авлотар аст. Гурӯҳе ин ду назарро бо ҳам ҷамъ карда ва дуо карданро бо ризояти қалбӣ ба муқаддароти Худованд мунофӣ надонистаанд, банда бояд ба забон соҳиби суол бувад ва ба дил соҳиби ризо, то ҳар ду ба ҷой оварда бошӣ!».

Аммо назари комилтар дар ин боб қавле бошад, ки бар асоси он дуо ба мафҳуми ирфонии он пайванд хӯрда ва дуо кардан ё хомӯшӣ ихтиёр намудан ба вақти дуогӯй муртабит дониста шудааст. Ба ин маъно ки вақт – ҳолати ғолиб бар инсон таъйин мекунад, ки банда лаб ба дуо бикушояд ва ё сукут пеша намояд. «Ва он авлотар, ки гӯянд, ки вақтҳо мухталифанд, вақт бувад, ки дуо (дар он) фозилтар аз хомӯшӣ (бувад) ва он низ адаб аст ва дар баъзе аҳвол хомӯшӣ фозилтар аз дуо ва он ҳам адаб аст ва он ба вақт битавон донист, зеро илми вақт андар он вақт бувад. Чун андар дил ишорате ёбад ба дуо, дуо авлотар ва чун ишорат ба хомӯшӣ кунанд, хомӯшӣ тамомтар».[1]

Иҷобат ва истиҷобат ҳар ду ба маънои посухи мусбат додан ва пазируфтани дуо ва дархости дуогӯ ҳастанд ва муҷиб (اَلْمُجِيبُ) яке аз асмои ҳусно (номҳои зебо)-и Худованд ба маънои қабул ва ато дар ивази дуо ва суол меояд. Муштаққоти гуногуни ин вожа дар таъбироти қуръонӣ 43 бор ба маънои пазируфтан ва қабул кардани дуо омадааст. Иҷобати дуо дар бисёре аз оятҳо танҳо ба дуо кардан ва хондани Худо

[1] Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозин ал-Қушайрӣ Зайнулислом, ар-Рисолату-л-қушайрия. – Теҳрон, 1391 ш.; Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмад ал-Усмонӣ, тарҷимаи форсии ар-Рисолату-л-қушайрия. – Теҳрон, 1390 ш; Донишномаи ҷаҳони ислом (17). – Теҳрон, 2012.

марбут шуда ва дар баъзе оятҳо ба машийяти Ӯ муқайяд омадааст (Анъом, 6:41). Муҳимтарин оят дар ин бора ояти 186-уми сураи Бақара аст, ки дар он ҳафт бор замири аввали шахси танҳо ба кор рафтааст. Қудрат, моликият, ғинои мутлақ ва дар айни ҳол наздикии Худо ба бандагон дар баробари нотавонӣ, вобастагӣ ва фақри зотии инсон вақте ба эътирофи банда, ки дар дуои вай таҷассум меёбад, ҳамроҳ гардад, заминаи иҷобати онро назди Худо фароҳам меоварад, ба ин шарт ки таваҷҷуҳи банда дар дуояш воқеан ҳам ба сӯи Ӯ буда ва бо дилу забон ҳар ду аз Вай хоста бошад.

Дуо ва хости ҳақиқӣ аз Худо ҷуз бо шинохти мақоми улуҳият ва моликияти мутлақи илоҳӣ, ки мӯҷиби дил буридан аз ҳар гуна сабабе моддӣ мешавад, барои кас муҳаққақ намегардад.

Агар дил аз алоиқ канда бошӣ,
Ба манзил бори худ афканда бошӣ!
Фалакҳоро тавонӣ пушти сар дид,
Ба нури ишқ агар дилзинда бошӣ!

(Муҳаммадалӣ Соиби Табрезӣ, Девони ғазалиёт)

Албатта, мурод аз ин сухан бекор донистани низоми иллӣ ва маълулӣ ва лағв шумурдани таъсир ва васотати асбоби моддӣ нест, балки таваҷҷуҳ ба ин аст, ки асбоби моддӣ ҳарчи буда, иллати мустақил, таъсиргузор биззот ва файёзи вуҷуд нестанд, балки маҷрои файзи вуҷуданд ва ҳақиқати кор ва таъсир дар дасти Худост. Аз сӯи дигар, аз дидгоҳи олами асбоб ва моддият ба низоми иллӣ ва маълулӣ барои таҳаққуқи як чиз – маълул бояд иллат ва асбоби моддии он таҳаққуқ ёбанд ва касе дуо мекунад ва дуояш мустаҷоб мегардад, дар воқеъ яке аз муаллифаҳо (аносири созанда, таркибот, аҷзо)-и иллатро ба вуҷуд овардааст. Ба ибораи дигар, вақте касе, мас., дар намози истисқо аз Худо борон мехоҳад, вай намоиши қудрати Ҳақ таолоро бо эҷоди ваҳдати комил ва таркиби ба ҳамомехтае аз қонунмандиҳои табиӣ, аносир моддӣ, асбобу илали физикӣ ва ғ. аз Худо мехоҳад, то заминаи пайдоиши рутубат ва бориши борон дар умум фароҳам гардад, на ин ки бе назардошти зуҳури ҳеҷ гуна авомил ва асбоби моддие, мас., ҳеҷ гуна абре аз Худо борон ва шодобӣ талаб намояд.

Дар баъзе оятҳо ба нақши имон ва таъсири амалҳои солеҳ дар иҷобати дуо ишора шудааст. Худованд пас аз гузориш аз иҷобати дуои Юнус (а) бо ваъдаи **«Ва ҳамин тавр муъминонро низ наҷот мебахшем»** (Анбиё, 21:87-88) ба муъминон башорат медиҳад, ки агар дар ҳолати ғамму гирифторӣ ба монанди Юнус (а) бо иқрор ба тавҳид ва танзеҳи Худо ва эътироф ба зулми хеш ба сӯи Ӯ таъоло даст ба дуо бардоранд, дуояшонро ҳатман мустаҷоб мегардонад. Дар ояти 90-уми сураи Анбиё сабаби иҷобати дуои Закарийё (а) ва ба ислоҳ овардани ҳамсараш барои зоиши фарзанд шитофтан дар корҳои хайр, ибодати Парвардгор ба умеди подош ва бим аз иқоб ва ё бо шавқи тоат ва парҳез аз маъсият ва тавозуъ (фурӯтанӣ) дар баробари Худо дониста шудааст. Тақорун ва тақобули ваъиди **«Ӯ ҳаргиз таҷовузкоронро дӯст намедорад»** бо амр ба дуои бо тазарруъ ва дар ниҳон дар сураи Аъроф (7:55) ва наҳй аз эҷоди фасод дар рӯи замин пас аз ислоҳи он бо амр ба дуо аз сари биму умед ва башорати **«Раҳмати Худо бешак ба муҳсинон наздик аст»** дар сураи Аъроф (7:56) ба нақши амали солеҳ ва риояи одоби дуо дар истиҷобати он ишора дорад ва ояти **«Ва истиҷобат менамояд барои онҳое, ки имон овардаанд ва амали солеҳ анҷом додаанд ва онҳоро аз фазли Худ меафзояд»,** далели дигаре бар нақши имон ва таъсири амали солеҳ дар иҷобати дуо аст.

Бувад ҳиммат пару бол одамиро,
Мабодо тоири парканда бошӣ!
Дар он олам тавонӣ зист эман,
Дар ин олам агар тарсанда бошӣ!

Тавонӣ кӯси шоҳӣ зад дар офоқ,
Агар Соиб Худоро банда бошӣ!

(Муҳаммадалӣ Соиби Табрезӣ, Девони ғазалиёт)

Дуо бо ҷумлаҳои амрӣ ва наҳйӣ ва гоҳе бо ҷумлаи хабарӣ, монанди: «Ғафараллоҳу лака» меояд ва фарқи он аз амр ин аст, ки мартабаи мухотаб дар дуо фаротар аз дуокун ва дар амр фурӯтар аз он аст ва нуқтаи муқобили дуо иҷобат ва нуқтаи муқобили амр итоат аст. Калимаи дуо ва муштаққоти он 215 бор дар Қуръон

ба маонии фаро хондан, талаб кардан, ниёиш ё ибодат кардан ва истиғоса – мадад хостан ба кор рафта, бо вожаҳои суол ба маънои дархост, лаън – нафрин ба маънои дуои бад бар касе, баҳал ба маънои нафрин ва мубоҳала ба маънои лаънат кардан бар якдигар, истиғоса ба маънои мадад хостан, истиғфор ба маънои омурзиш хостан, тазарруъ ба маънои зора кардан ва зикр ба маънои ёд кардан наздикӣ ва дар маъно ҳампайвандӣ дорад.

Дар Қуръон дуоҳои фаровоне аз паёмоварони илоҳӣ, аз ҷумла Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Лут, Юсуф, Мусо, Сулаймон, Закарийё ва Исо (а) нақл шудааст. Аз афроди хоссе, ба монанди модари Марям, Осия ҳамсари Фиръавн, асҳоби Каҳф, соҳирони Фиръавн, ҳаворийёни Исо, соҳибхирадон, бандагони Худойи Раҳмон (ибодурраҳмон), муттақиён, росихон дар илм, биҳиштиён, асҳоби Аъроф ва фариштагони ҳомили Арши Парвардгор низ дуоҳое омадааст. Ин дуоҳо партави васее аз хостаҳоро дар бар мегиранд, ки дар воқеъ ҷомеи тамоми некиҳо ва ҳасаноти дунё ва охират барои дуогӯй ҳастанд, ба монанди талаби афву офият, дархости мағфират ва раҳмату иноят илоҳӣ, пӯшонидани гуноҳон, муохаза накардан бар фаромӯшӣ ва хато, дархости устуворӣ дар имон, талаби ҳидоят ва сабру сабот, пайвастан ба солеҳон, шарҳи садр, осон кардани корҳо, кушодани гиреҳи мушкилот, талаби фарзанд ва ҳамсару насле, ки мӯҷиби рӯшании чашм гарданд.

Сохтори дуоҳои қуръонӣ маъмулан аз таркиби як мунодо – Рабб, Раббано ва Аллоҳумма Раббано ё як амр ё наҳӣ ва ба нудрат бидуни мунодо омадаанд.

Дар Қуръон бар аҳаммияти дуо таъкид ва ба порае аз одоб ва шароити истиҷобати он ишора шудааст. Муҳимтарин оят дар баёни арзиши дуо назди Худо ва фазилати буридан аз халқ ояти 60-уми сураи Ғофир аст, ки Худо дар он мардумро ба дуо кардан амр ва ба иҷобати он навид медиҳад ва бо тағйири ибора ва корбурди калимаи ибодат ба ҷои он дар идомаи сиёқ онро ибодат мешуморад ва бо тарки он аз сари такаббур ва худбартарбинӣ ба духули оташи ҷаҳаннам ваъид додааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва Парвардигоратон фармуд: Маро бихонед, бароятон иҷобат намоям. Касоне, ки аз ибодатам истикбор мевар-занд, ба зудӣ гирдоянда дохили ҷаҳаннам мегарданд».**

Агар шабро чу анҷум зинда дорӣ,
Ҳамеша бо рухи тобанда бошӣ!
Дуои тирарӯзон оби Ҳизр аст,
Агар чун меҳру маҳ тобанда бошӣ!
(Муҳаммадалӣ Соиби Табрезӣ, Девони ғазалиёт)

Аз назари таълимоти шарҳ барои дуо одоб ва шароите вуҷуд дорад, ки барои пазируфта шудани он аҳаммияти фоиқе доранд ва инак муҳимтарини онҳоро бо ихтисор зикр менамоем:

а) Аввалин одоби дуо ин аст, ки шахси дуогӯй рӯй ба қибла оварад ва ҳангоми дуо дастони худро бардорад ва пас аз поёни дуо онҳоро ба рӯяш бимолад. Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (рз) ривоят шуда, ки *«Расули Худо (с) барои талаби борон ба намозгоҳ баромад. Он гоҳ рӯй ба қибла оварда дуо намуд ва борон хост».* Абумусои Ашъарӣ (рз) гӯяд, ки *«Расули Худо (с) дуо кард ва дастони худро бардошт то ҷое, ки ман сапедии зери дастон (таги каш)-и ӯро дидам».*[1]

б) Яке дигар аз одоби дуо ин аст, ки шахс дуои худро бо санои Худованд – бо зикри номҳои некӯяш ва бо нисори дуруд бар паёмбари акрам (с) оғоз намояд ва инро дар миёна ва охири дуояш низ такрор кунад.

Ҳазорон дуруду ҳазорон салом,
Зи мо бар Муҳаммад алайҳи-с-салом!
(Шайх Саъдӣ)

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 4323. Ишора ба ҳадиси дарозе аст, ки дар бораи ҷанги Автос пас аз ҷанги Ҳунайн ва тир хӯрдани Абуомир ривоят шудааст ва хулосаи он чунин аст: Абуомир амаки Абумусои Ашъарӣ дар ҷанги Автос солори гурӯҳе аз мусулмонон буд ва дар аснои задухӯрд ба зонуяш тире хӯрд. Абумусои Ашъарӣ мегӯяд: Тирро аз пояш кашидам ва аз ҷои он об берун омад. Абуомир гуфт: Эй бародарзода, паёмбар (с)-ро салом бигӯ ва бигӯ бароям талаби истиғфор намояд ва пас аз каме фавт кард. Вақте хабари Абуомирро ба паёмбар (с) гуфтам, обе хост ва вузӯ гирифт, он гоҳ дастонашро бардошт ва фармуд: «***Худоё, Убайд, Абуомирро мағфират кун!»*** ва сафедии зери бағалҳояшро дидам, сипас фармуд: «***Худоё, ӯро рӯзи қиёмат фавқи бисёре аз мардум бигардон!»*** Гуфтам: Ва барои ман ҳам дуо ва истиғфор кун! Фармуд: «***Худоё, барои Абдуллоҳ ибни Қайс гуноҳонашро биёмурз ва рӯзи қиёмат ба даромадгоҳи хубе дохилаш кун!»***.

Аз Фузола ибни Убайд омадааст: *Расули Худо (с) мардеро шунид, ки дар намозаш дуо мекард, вале дар ҳеҷ гӯшае аз дуояш бар вай (с) дуруд нафиристод*. Паёмбар (с) гуфт: ***«Ин мард ба шитоб роҳ дод».*** Он гоҳ он мардро фаро хонд ва (ҳамроҳ бо ҳозирон) иршод намуд: ***«Чун яке аз шумо ба намоз пардохт, онро бо ба ҷой овардани маротиби ситоиш барои Худованд ва арзи сано бар ӯ оғоз намояд ва сониян бар паёмбар (с) дуруд фиристад, он гоҳ барои худ ҳар чӣ мехоҳад, дуо кунад».***

в) Тазарруъ ва хушӯъ дар дуо муносибтарин ҳолати банда ба мақоми арзи ниёзҳои худ ба пешгоҳи Худованд мебошад ва Худо аз дуогӯй риояи онро хостааст, онҷо ки мефармояд: **«Парвардигоратонро бо тазарруъу хуфя бихонед. Ӯ қатъан, аз ҳад гузарандагонро дӯст надорад.**[1]

г) Бо исрор дуо намудан низ яке дигар аз одоби дуо аст, ба ин маъно ки банда бояд борҳо ва борҳо ва ба сурати пайгирона ниёзи худро ба пешгоҳи Худо арз намояд. Зеро ин худ навъе аз фурӯтанӣ, шикастанафсӣ ва гумони хуб доштан дар ҳаққи Худованд аст. Аз Абузуҳайри Намирӣ (рз) ривоят шуда, ки ***«Шабе ҳамроҳи паёмбар (с) хорич шудем. Гузари мо бар марде афтод, ки дар пурсиши (талаби) худ аз Худованд, исрор (пофишорӣ) менамуд. Расули Худо (с) аз роҳ боз истода ва ба вай гӯш дод. Сипас гуфт: «Барои худ (биҳиштро) воҷиб гардонид, агар хатм намояд». Пурсида шуд, ки эй расули Худо (с), бо чӣ чиз хатм намояд? Фармуд: Ба омин ва худ баргашт. Ба он мард гуфтанд: Эй фалонӣ! Дуоятро бо омин хатм намо ва башорат ёб!».***

ғ) Се бор такрор намудани ниёз ва дархости худ дар дуо низ аз равиши паёмбар (с) будааст. Аз ибни Масъуд (рз) ривоят шуда, ки *«Се бор дуо намудан ва се бор истиғфор кардан барои расули Худо (с) бисёр мақбул ва писандида буд».*

д) Яке дигар аз равиши паёмбар (с) дар дуо он буд, ки онро аввал барои худ шурӯъ мекард. Аз Убай ибни Каъб (рз) ривоят шуда, ки «*Расули Худо (с) вақте касеро ба ёд меовард ва барояш дуо мекард, онро аз худ шурӯъ мекард».* Худованд низ вақте аз бандагони некӯкори худ сухан гуфта, фармудааст: **«Ва касоне, ки пас аз эшон омаданд, мегӯянд: Парвардигорамон! Моро мағфират намо ва он бародаронамонро, ки дар имон бар мо сабқат доштанд ва дар дилҳои мо барои касоне, ки имон овардаанд ғилле (кинаву кудурате) ҷой надеҳ. Парвардигорамон! Ту яқинан рауфу меҳрубонӣ».**

ж) Умеди қатъӣ ва содиқ ба пазируфта шудани дуо далели қуввати (устувории) имон ва гумони хуб доштан дар ҳаққи Худованд аст. Бояд дуогӯй ниёзи худро бо ҷиддият ва бе ҳеҷ гуна тараддуд ва дудилагие аз офаридгораш бихоҳад, зеро Ӯ, *субҳонаҳу*, анҷомдиҳандаи мутлақулихтиёр ва тавоно бар ҳар корест.

Аз Абуҳурайра (рз) низ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Худоро дар ҳоле бихонед, ки ба пазируфта шудани дуоятон яқин дошта бошед. Бидонед, ки Худо ҳаргиз дуои бархоста аз қалби ғофил ва бехудро иҷобат нанамояд».*** Яъне дар ҳоле бошед, ки шоистагии пазируфта шудани дуоятонро дошта бошед. Ҳамчунин аз ӯ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Дуои ҳар яке аз шумо то замоне мустаҷоб мегардад, ки аз рӯи шитоб нагӯяд: Парвардигорамро дар ҳақиқат дуо кардам, вале бароям чизеро мустаҷоб нагардонид».***[2]

Аз ин ҳадиси шариф бармеояд, ки ба шитоб роҳ додан дар пазириши дуо аз ҳавзаи одоби дуо берун буда, ба гунае эътироз намудан ба қазову қадари илоҳӣ ба шумор меравад.

з) Ба вақти дуо забону дил ва зоҳиру ботини худро бо ҳам мувофиқ намояд ва ҳавоси худро аз ғафлат берун орад!

Забону дил мувофиқ соз ҳангоми дуо кардан,
Ба як ангушт натвон уқда аз сар ришта вокардан!

(Муҳаммадалии Тоиф)

к) Одоби дигари ин боб бо садои маҳин ва

[1] Сураи Аъроф, 7: 55.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 6340; Саҳеҳи Муслим, 6869-70 (2735)-90-91. Дар ривояти дигар омадааст: ***«Ҳамеша дуои банда иҷобат мешавад, модоме ба гуноҳ ва ё қатъи (силаи) раҳм дуо накарда бошад ва то вақте дар он истиъҷол – шитоб накарда бошад. Пурсида шуд: Эй расули Худо (с), истиъҷол чист? Фармуд: Мегӯяд: Дуо кардам ва дуо кардам, ҳеҷ надидам, ки дуоям мустаҷоб шавад, он гоҳ ҳасратзада мегардад ва дуоро тарк мекунад»*** (Саҳеҳи Муслим, 6871 (2735)-92).

миёна – на баланд ва на паст, дуо кардан аст. Қуръони карим ба беҳтарин сурати дуо, ки бо садои маҳин ва миёна аст, иршод намудааст: **«Парвардигоратонро бо тазарруъ хуфя бихонед»**.[1] Дар ҷои дигар мефармояд: **«Садоятро ба намоз – дуо на ҷаҳр ва баланд кун ва на паст ва дар байни он роҳе биҷӯ!»**.[2]

Паёмбари акрам (с) иршод намуда, ки садои пасту маҳин ҳам дар зикр ва ҳам дар дуо зебо ва дӯстдоштанист. Дар хабар аст, ки Абумусои Ашъарӣ (рз) гуфт: *«Дар сафаре будем. Мардум садои такбири худро баланд намуданд. Паёмбар (с) ба эшон гуфт:* **Бар худ нармӣ намоед. Шумо ба таъкид, на кар ва на ғоиберо мехонед. Ҳатман шунаво ва биноеро мехонед, ки ҳамроҳи шумост. Он Худоеро, ки мехонед, барои ҳар яки шумо аз гардани уштураш ҳам наздиктар аст».**

*А*ммо агар имом барои таълими зикрҳо ва дуоҳо ва ҷиҳати тазаккури намозгузорон садояшро бо зикру дуо баланд намояд, он боке надорад.

л) Гӯшаи дигаре аз одоби дуо он аст, ки дуогӯй ҳарчи бештар дуоҳои ҷавомеи мавҷуд дар Қуръон ва суннатро мавриди истифода қарор диҳад ва аз саҷъпардозиҳои пуртакаллуф, лафзҳои мубҳам (норавшан) ва маонии дарҳам дурӣ намояд. Зеро дуо мақоми ниёз ва таваҷҷуҳ ба Худост, пас бо каломи худаш ҳам бошад, бояд ба иборае ифода гардад, ки ақл ба фаҳми он бирасад, қалб ҳаловат барад ва виҷдони банда оромиши худро дарёбад.

Ин дуоро инсиён таҳсин кунанд,
Хатм кун то қудсиён омин кунанд!
(Хоқонӣ)

м) Дар ривоятҳои суннат омадааст, ки расули Худо (с) дар дуои истисқо пушти дастонашро ба тарафи осмон ва каффи онҳоро ба сӯи замин мекард ва дар дигар дуоҳояш каффи онҳоро ба сӯи осмон мекард. Бинобар ин, одоби дигари дуо назди аиммаи дин он аст, ки дар дуоҳое, ки барои рафъи офат ва дафъи бало мешаванд, дуогӯй пушти дастонашро ба тарафи осмон ва каффи онҳоро ба сӯи замин гардонад ва дар дуоҳое, ки барои талаби хайре бошанд, каффи онҳоро ба сӯи осмон кунад.

[1] Сураи Аъроф, 7: 55.
[2] Сураи Исро, 17: 110.

Фасли ҳаштум

БЕТАҲОРАТӢ ДАР НАМОЗ
(сабқати ҳадас)

– Ҳар гоҳ таҳорати намозгузор дар аснои намоз бишиканад ё дар истилоҳи фиқҳӣ ба вай ҳадасе расад, бе он ки намозашро қатъ намояд, рафта таҳорат кунад ва баъд аз он намозашро аз ҳамон ҷое, ки тарк карда буд, идома диҳад,[1] вале агар намозашро аз сар гирад, беҳтар аст. Шахси танҳогузор ҳамчунин метавонад намозашро дар он ҷое, ки таҳорат карда ва ё дар манзилаш ба итмом расонад. Ба чунин намозгузор дар истилоҳи фақеҳон лоҳиқ гуфта мешавад.

– Агар имоми ҷамоат бошад, бояд аввал яке аз намозгузоронро ба ҷои худ халифа – ҷойнишин созад, то вай намози қавмро бо ҷамоат ба итмом расонад ва худаш баъд аз он таҳорат карда, идомаи намозашро ба ҷой оварад. Имом бояд пеш аз хориҷ шудан аз масҷид яке аз намозгузоронро ба ҷои худ таъйин намояд, ба ин тариқ ки ӯро аз либосаш ба ҷои худ бикашад ва ё ӯро бо дасташ ба пеш гузаштан ишора кунад, на бо калом, зеро калом намозро фосид мекунад.

– Вақте яке аз намозгузоронро ба ҷои худ халифа гардонд, ҷое, ки таҳорааташ дар он шикаста ва ҳамчунин миқдори боқимондаи намозро бо даст ва ангуштонаш ба вай бифаҳмонад. Агар намозро дар рукӯъ қатъ карда бошад, даст ба зонуҳояш бигузорад, яъне «аз рукӯъ идома бидеҳ!», агар аз саҷда қатъ карда бошад, даст ба пешониаш бигузорад, яъне «аз саҷда идома бидеҳ!», агар дар аснои қироат қатъ карда бошад, даст ба даҳонаш бигузорад, яъне «аз қироат шурӯъ кун!» ва агар ду ракъат боқӣ монда бошад, бо ду ангушташ ба он ишора кунад.

– Агар имом касеро ба ҷои худ таъйин нокарда аз масҷид хориҷ гардад, имоматиаш бекор (ботил) мегардад ва дигар ҳаққи таъйин намудани халифаро аз берун надорад. Он гоҳ намозгузорон бояд якеро барои имоматии худ таъйин кунанд ва ё яке аз онҳо худаш пеш рафта, барои онҳо имоматӣ намояд. Агар онҳо низ пеш аз хориҷ шудани имом аз масҷид касеро таъйин накарданд ва касе ҳам пеш нагузашт, намозашон ботил мешавад, зеро масҷид, як лаҳза ҳам бошад, аз имом холӣ мондааст. Пас бояд он намозашонро аз сар бигузоранд. Намози худи имом бошад, ботил намегардад, зеро вай дар он ҳолат ҳукми танҳогузорро дорад.

– Агар намозгузор ҳангоми шикастани таҳораташ дар қаъдаи ахир ташаҳҳудро хонда ва танҳо салом боқӣ монда бошад ҳам, баъд аз таҳорати нав салом дода, намозашро тамом менамояд.

– Ин ҳама дар сурате мебошанд, ки таҳораташро қасдан нашикаста бошад, яъне он ҳолат ба таври табиӣ ва бе ирода барояш пеш омада бошад. Вале агар таҳораташро пеш аз қаъдаи ахир қасдан ва бо амали худ шикаста бошад, дар ин сурат намозаш низ фосид мегардад ва ҷуз аз сар хондани он дигар роҳе надорад. Аммо агар онро пас аз қаъдаи ахир қасдан ва бо амали худ шикаста бошад, дар назди имом Абуҳанифа (рҳ), ҳарчанд таҳораташ шикаста бошад ҳам, намозаш дуруст мешавад ва ба поён мерасад.

– Агар пас аз шикастани таҳораташ ба он узрҳои табиӣ ва ғайрииродӣ сухан гӯяд ва ё яке аз корҳоеро, ки фосидкунандаи намоз ҳастанд, анҷом диҳад, намозаш низ фосид мегардад. Дигар наметавонад бо ҳамон ният ва бинои қаблӣ онро аз ҷои баскардааш давом диҳад, балки бояд намозашро аз сар бихонад.

– Агар дар намоз эҳтилом ва ҷунуб шавад ё ӯро ҳолати девонагӣ ва ё беҳушӣ фаро гирад ва ё хандаи бо қаҳқаҳа намояд, дар ин суратҳо ҳам таҳораташ мешиканад ва ҳам намозаш ботил мегардад. Дар сурати якум бояд ғусл намо-

[1] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касеро (дар намоз) қай, хунрезӣ аз бинӣ, беруншавии ғизои сари меъда дар натиҷаи дилбеҳузурӣ ва мазӣ (оби тунуке аз роҳи пешоб) бирасад, баргашта (аз нав) вузӯ гирад (ва) пас аз он бар ҳамон намозаш бино намояд. Ин амр то замоне ҷоиз мебошад, ки сухан нагуфта бошад»*** (Сунани Ибни Моҷа, 1222).

яд ва дар суратҳои баъдӣ вузӯ бигирад ва дар тамоми ин ҳолатҳо намозашро аз сар бихонад. Ҳамчунин агар узрҳое, ки қаблан дошта, ба монанди таяммум ва муддати масҳи пойафзор ва ғайра дар аснои намоз ба поён бирасанд, мас., шахси соҳибтаяммум ба об дастрасӣ пайдо кунад, ҳам таҳорати онҳо мешиканад ва ҳам намозашон ботил мегардад.

– Имом пас аз таҳорати тоза, агар имоми нав намозро ба поён нарасонида бошад, бояд ба саффи намоз баргардад ва намозашро ба ҳайси муқтадӣ ҳамроҳи ҷамоат ба итмом расонад. Аммо агар имоми нав намозро ба поён расонида бошад, пас имоми қаблӣ метавонад намози худро дар ҷои буда ва ё дар манзилаш ба итмом расонад. Муқтадӣ низ ҳамин тавр амал мекунад.

– Агар имом пас аз шикастани таҳорааш он рукне аз намозро, ки дар он буд, анҷом диҳад ва ё ба миқдори адои рукне пас аз расидани ҳадас дар намоз боқӣ бимонад, ҳам намози худаш ва ҳам намози қавм фосид мешавад.

– Ҳамчунин агар имом ба сабаби хиҷолат, тарс ва ё инфиоли нафсонӣ аз қироат бозмонад – қироат карда натавонад, ба шарте ба миқдори «мо таҷузу биҳи-с-салот» қироат накарда бошад, метавонад яке аз намозгузоронро ба ҷои худ халифа созад. Аммо агар ба миқдори сиҳати намоз қироат карда бошад, дигар халифа сохтан ҷоиз нест, балки бояд ба рукӯъ равад ва намози худро идома диҳад.

– Имом аз байни намозгузорон он касеро, ки аҳлияти имоматиро дошта бошад, масбуқ ва ё лоҳиқ бошад ҳам, ба ҷойнишинии худ бармегузинад. Агар аз миёни онҳо кӯдак ва ё занеро барои имоматӣ баргузинад, намози қавм фосид мешавад.

– Агар имом пас аз расидани ҳадас шахси масбуқеро ба ҷои худ таъйин намояд, вай бояд намози имоми қаблиро ба итмом расонад, он гоҳ шахси мудрикеро пеш гузаронад, то бо мардум салом диҳад ва худаш ракъатҳои фавтшударо ба ҷой оварад. Агар имоми мусофир пас аз расидани ҳадас шахси муқимеро ба ҷои худ халифа созад, вай низ бояд пас аз итмоми намози имом шахси мудрикеро пеш гузаронад – ба ҷои худ халифа созад, то бо мардум салом диҳад ва худаш намозашро тамом созад.

Бинобар ин, беҳтар аст имом аз ҳамон ибтидо шахси мудрикеро ба ҷои худ халифа созад ва шахси масбуқ, лоҳиқ ва муқим (дар сурати мусофир будани имом) низ дар чунин ҳолатҳо метавонанд пешниҳоди имоматиро қабул накунанд.

Агар шахси масбуқ, лоҳиқ ва муқим пас аз такмили намоз бар бинои имоми қаблӣ ҳамчунон ба намози худ идома диҳанд ва шахси мудрикеро ба ҷои худ халифа насозанд, дар он сурат қавм бояд онҳоро мутобиат накунанд, зеро дар ҳолати мутобиат аз онҳо намозашон фосид мешавад. Балки агар мусофир бошанд, салом диҳанд ва муқим бошанд, ба таври мустақил боқимондаи намозашонро ба ҷой ованд.

– Агар шахси лоҳиқ ба ҷои имом халифа шавад ва ба таври воҷиб он ракъатҳое аз намозашро, ки ҳамроҳи имом аз вай фавт шуда буданд, ба ҷой оварад, пас бояд қавмро бо ишора бифаҳмонад, ки то фориғ шудан ӯро мунтазир бимонанд. Он гоҳ намозро бар бинои имоми қаблӣ ҳамроҳи қавм ба итмом расонад ва салом диҳад. Вале агар тартиби воҷибро вайрон намуда, аввал намози қавмро ба ҷой оварад, пас аз такмили намоз бар бинои имоми қаблӣ шахси мудрикеро ба ҷои худ халифа созад, то бо қавм салом диҳад ва худаш ракъатҳои фавтшударо ба ҷой оварад.

– Агар шахси масбуқ, лоҳиқ ва муқиме, ки ба ҷои имоми мусофир дар намоз халифа шудааст, пас аз такмили намоз бар бинои имоми қаблӣ қаъда накунанд, ҳам намози худашон ва ҳам намози қавм фосид мешавад.

МУФСИДОТИ НАМОЗ

Вақте намозгузор такбири таҳрима гуфта, намозашро шурӯъ мекунад, бояд то поёни намоз аз корҳои хилофи ибодат худдорӣ намояд ва одобу муқаррароти намозро риоя кунад. Анҷом додани корҳое, ки бар хилофи моҳият ва берун аз доираи муқаррароти намоз мебошанд, намозашро фосид мегардонанд ва онҳоро **муфсидоти намоз** гӯянд.

Муфсидоти намоз иборатанд аз:

1. Сухан гуфтан, ҳарчанд як калима ҳам бошад, чи аз рӯи қасд ва чи аз рӯи фаромӯшӣ ва хато бошад.

2. Қасдан ба касе салом додан.

3. Ҷавоби саломро додан, қасдан бошад ё аз

рӯи фаромӯшӣ ва хато.

4. Оҳу нола кашидан.

5. Барои кори дунё бо садо гиря кардан. Гиряи беовоз ва гиряи аз тарси Худо ва ё барои охират ҳарчанд босадо ҳам бошад, намозро фосид намегардонад.

6. Уф кашидан ва афсӯс хӯрдан.

7. Ҷавоби атсаро додан, яъне барои касе, ки атса мезанад, *«Ярҳамукаллоҳу»* гуфтан.

8. Ҷавоби сухани касеро додан, ҳарчанд ҷавобаш бо зикр ҳам бошад. Мас., касе хабари хуше бидиҳад ва ӯ дар ҷавобаш *«Алҳамду лиллоҳ»* бигӯяд, намозаш фосид мегардад.

9. Фатҳа додан ҷуз барои имоми худ. Фатҳа додан он аст, ки агар касе машғули қироати Қуръон бошад ва дар ҷое ба сабаби фаромӯшӣ таваққуф кунад, намозгузор барои ӯ он ҷоро ёдрас намояд ва онро «луқма» додан ҳам мегӯянд.

10. Қироати оятҳои Қуръон аз рӯи мусҳаф (Қуръон)-и шариф.

11. Дуо кардани намозгузор ба дуоҳое, ки монанди сухани мардум бошанд, ба мисли ин ки бигӯяд: «Худоё! Фалон занро ба никоҳи ман даровар ва ё ба ман себу анор рӯзӣ деҳ».

12. Саҷда бар чизи наҷис.

13. Хӯрдан ва ошомидан.

14. Амали зиёд. Ҳар амале, ки ба ҳаракат додани дастҳо (ҳар ду даст) ниёз дошта бошад, ё намозгузор онро зиёд такрор кунад, ҳарчанд бо як даст ҳам бошад ва ҳамчунин, агар касе аз берун онро мушоҳида намояд, чунин пиндорад, ки анҷомдиҳандаи он дар намоз нест, амали зиёд ба шумор меравад.

15. Дар вақти намоз худро қасдан бетаҳорат сохтан, яъне таҳорати худро қасдан шикастан.

16. Баргардонидани сина аз сӯи қибла.

17. Беҳушӣ.

18. Девонагӣ.

19. Ҷанобат.

20. Хандаи бо қаҳқаҳа.

21. Яке аз аркони намозро дар ҳоли барахнагии аврат адо намудан.

22. Вуҷуд доштани наҷосате, ки монеи намоз гардад.

23. Тарк намудани шарте аз шартҳои пеш аз намоз, ки фарзҳои пеш аз намоз низ гуфта мешаванд ва ё тарк намудани рукне (фарзе) аз рукнҳои даруни намоз.

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МУФСИДОТИ НАМОЗ

1. Агар касе бе узре сулфа занад ё гулӯи худро соф намояд ба гунае, ки аз садои он ҳарфе ё нисфи ҳарфе пайдо шавад, намозаш фосид мешавад, аммо дар сурати узр доштан маъзур аст ва намозаш ҷоиз мешавад.

2. Агар дар байни намоз худаш атса занад ва ***«Алҳамду лиллоҳ»*** гӯяд, намозаш фосид намешавад, вале беҳтар он аст, ки нагӯяд. Аммо агар ҷавоби атсаи дигареро бидиҳад, ҳамон гуна ки баён шуд, намозаш фосид мегардад.

3. Агар дар байни намоз тугмаҳои гиребон ё пероҳани худро ба ҳар ду дасташ бандад, он амали зиёд ба шумор рафта, намозаш фосид мегардад.

4. Агар чизе хурдтар аз ҳаҷми нахӯд дар миёни дандонҳояш бошад, бо фурӯ бурдани он намозаш фосид намегардад, вале агар ба андозаи нахӯд ё бештар аз он бошад, бо фурӯ бурдани он намозаш фосид мешавад. Ё аз нахӯд хурдтар бошад, вале онро аз даҳонаш бароварда, он гоҳ аз нав фурӯ барад, низ намозаш фосид мешавад.

5. Агар касе ширинро хӯрад, ки ҳанӯз мазаи он аз даҳонаш нарафтааст, чун дар байни намоз маззаи онро бо оби даҳон фурӯ барад, намозаш ҷоиз аст.

6. Агар дар аснои намоз кӯдаке ба замин афтад ва намозгузор *«Бисмиллоҳ»* гӯяд, намозаш фосид мешавад.

7. Дар аснои намоз тифле ба канори модар омада аз пистонаш шир макад, агар аз пистонаш шир берун ояд, намозаш фосид мегардад, зеро баромадани шир аз пистонаш дар ин ҳолат ирзоъ (ширдиҳӣ) буда ва ин кори вай амали касир (бисёр) ба шумор меравад, вале агар шир берун наояд, намозаш дуруст мебошад.

Ҳамчунин агар шавҳараш ӯро дар вақти намоз бо шаҳват бибӯсад ва ё ба вай даст расонад, ба қавли роҷеҳ намозаш фосид мешавад.[1]

8. Агар намозгузоре алифи «Аллоҳ» (الله)-ро ё ҳамзаи «акбар» (أكبر) ё «бо»-и онро мад кашад, намозаш фосид мегардад.

9. Агар чашми намозгузор дар аснои намоз

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 465, 470; Умдату-р-риъоя ъало шарҳи-л-виқоя. – Ҷ. 2. – С. 182.

ба китобе ё навиштае ва лавҳае афтад ва онро ба забон нахонад, вале мафҳуми онро бо дил дарк намояд, намозаш ҷоиз аст, вале агар ба забонаш онро хонад, намозаш фосид мешавад.

10. Агар дар намоз бо узре як қадам ё ду қадам пеш ё ақиб равад, ба шарте синааш аз қибла барнагардад, намозаш ҷоиз аст, аммо агар синааш аз қибла баргардад ё аз саҷдагоҳ пештар равад, намозаш фосид мегардад. Ин ҳукм ба мунфарид (танҳогузор) ва имом тааллуқ дорад. Аммо муқтадӣ вақте барои пур кардани фурҷа (холиги)-и сафҳои аввал пеш меравад, ҳаракат ба миқдори як саф дуруст аст ва аз ин бештар – ба миқдори чанд саф якбора амали касир ба шумор меравад ва намозашро фосид мегардонад, дар ин сурат бояд дар ҳар саффе миқдоре таваққуф намояд, пас аз он ба саффи дигар пеш равад. Аммо бе узр роҳ рафтан дар тамоми ҳолатҳо намозро фосид мекунад.[1]

11. Намозгузорони саффи дуюм бояд фурҷа (холиги)-и саффи аввалро пур намоянд ва саффи сеюм фурҷаи саффи дуюмро ва ба ин минвол, вале агар намозгузоре пас аз такбири таҳрима ва шуруи намоз аз саффи сеюм барои пур кардани фурҷа ба саффи аввал гузарад, он амали бисёр ба шумор меравад ва намозаш фосид мегардад. Аммо шахсе дохили масҷид гардад ва дар яке аз сафҳо фурҷае бинад, метавонад сафҳоро шикофта ва ё аз пеши намозгузорон мурур намуда онро пур кунад, зеро дар ин сурат намозгузорони қабл аз ӯ эҳтироми адами мурур аз пеши намозро аз байн бурдаанд ва бар муруркунанда гуноҳе нест.[2]

12. Агар намози имом бо сабабе фосид гардад, намози намозгузорони ҳамроҳи ӯ низ фосид мегардад.

ҶУНУН ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР ИБОДАТҲО

Ҷунун аз назари имом Муҳаммад (рҳ) ба ду қисм – аслӣ (модарзод) ва оризӣ ва ҳамин тавр ду дараҷа – мутбиқ ва ғайримутбиқ ҷудо мешавад ва ҳукми ҳар кадоме аз онҳо фарқ мекунад. Навъи мутбиқи он ҷунуни пайваста ва давомнок буда ва ғайримутбиқ ҷунуни мақтаъӣ ва зудгузар аст. Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) бо вуҷуди ду навъ – аслӣ ва оризӣ будани он аз назари тиббӣ ҳукми онҳо аз якдигар фарқ намекунад ва осори он дар ибодатҳо дар таносуб ба итбоқ – имтидоди муддат ва адами итбоқ – кӯтоҳии муддати он зоҳир мешавад.

Асоси аҳлияти адои фароиз ва таколифи шаръӣ ба вуҷуди ақл ва қобилияти тамйиз дар шахс бастагӣ дорад ва ҷунун яке аз аворизи он ба шумор рафта, онро аз асл зоил месозад ва осори шаръии аҳлиятро дар тасарруфоташ аз байн мебарад. Аммо аҳлияти вуҷуб, ки ба ҳаёти шахс иртибот дорад, барои ҳар кас собит аст ва бо ҷунун ва дигар норасоиҳои ақлӣ ва ҷисмӣ аз байн намеравад. Бинобар ин, ҳар чизе, ки ба муқтазои аҳлияти вуҷуб бар моли вай воҷиб шуда бошад, онро валӣ ва сарпарасташ аз моли ӯ пардохт менамояд, мас., агар бар мол ва ё нафси ғайр ҷиноят содир намояд ва ба вай зиён расонад, он аз моли вай пардохта мешавад, агар қатли нафсе намояд, дияти он аз молаш пардохта мешавад. Аммо фароиз ва ибодатҳои баданӣ бошанд, бо он тафсиле, ки аз сӯи фақеҳони мазоҳиби фиқҳӣ баён гардидаанд, аз вай соқит мегарданд, зеро шахси маҷнун аҳлияти адоро ба сабаби ҷунун аз даст додааст.

1. Фақеҳон бар ин назар иҷмоъ доранд, ки ҷунун, кам бошад ё зиёд, мутбиқ бошад ё ғайримутбиқ, ноқиз – шиканандаи вузӯ ва таяммум ба шумор меравад.

2. Фақеҳон бар ин амр низ иттифоқи назар доранд, ки намоз бар шахси маҷнуне, ки ҳеҷ гоҳ ба ифоқа намеояд, дар ҳоли ҷунунаш воҷиб намебошад, зеро вай яке аз асосҳои аҳлияти адо – ақлро аз даст додааст. Аммо маҷнуне, ки ба худ меояд, назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) агар дар муддати як шабонарӯз ва ё камтар аз он ба худ омад, панҷ вақт намозашро қазо медорад, вале агар ҷунуни вай ба андозаи як вақт намоз бештар аз як шабонарӯз – ба андозаи шаш вақт намоз идома ёбад, он ҷунуни мутбиқ ба шумор рафта, намозҳои гузашта аз вай соқит мегарданд. Назди имом Муҳаммад (рҳ) агар ба муддати шаш вақт намоз ба худ наояд ва вақти намози ҳафтум дарояд, он гоҳ он ҷунуни мутбиқ ба шумор рафта, намозҳои гузашта аз вай соқит мегарданд.

3. Аиммаи мазҳаб ба ин қавл низ иттифоқи на-

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 468-470.
[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 472-475.

зар доранд, ки ҷунун агар мутбиқ бошад, ба ин тариқ ки тамоми моҳи Рамазонро фаро гирад, он мусқити рӯза мебошад, зеро моҳи Рамазон дар умум як ибодат ва як сабаб ба шумор меравад ва Худованд мефармояд: **«Касе аз шумо шоҳиди он моҳ бошад, рӯзаи онро бидорад»**.[1] Шахси маҷнун ба сабаби аз даст додани нерӯи ақлу тамйиз шоҳиди он ба шумор намеравад – дар он ҳузур надорад ва рӯза ба куллӣ аз зиммааш соқит аст. Бино ба фармудаи фақеҳон агар шаби аввали моҳи Рамазон то пеш аз дамидани субҳ ба худ бошад ва пас аз он ба ҷунун ояд ва ё дар байни моҳ гоҳе рӯзона пас аз завол ба худ ояд ва боз ҷунунаш авд намояд, он дар суқути рӯза аз вай таъсире надорад, зеро шаб вақти рӯза гирифтан ва баъд аз завол вақти бастани ният нест, ҳамчунин агар рӯзи охири моҳи Рамазон пас аз завол ба худ ояд ва ҷунунаш дигар авд накунад. Аммо агар рӯзона пеш аз завол ба худ ояд ва боз ҷунунаш авд намояд, дар ин сурат қазои моҳи Рамазон бар вай воҷиб мегардад.

Назди аимма, аз ҷумла имом Абуҳанифа (рҳ) қавли дигаре низ дар ин замина вуҷуд дорад, ки агар дар миёнаи моҳ гоҳе шабона ва ё баъд аз завол ҳам ба худ ояд, қазои он моҳ бар вай воҷиб мегардад, зеро шоҳиди ҷузъе аз он моҳ гардидааст.[2]

Агар муддати ҷунун камтар аз моҳро дар бар гирад, пас ба иттифоқи ҳамаи аимма қазои рӯзаи рӯзҳои гузашта дар ҳолати ҷунун бар вай воҷиб мебошад.

4. Фаризаи ҳаҷ низ аз шахси маҷнун соқит аст ва агар ҳаҷ ҳам кунад, он саҳеҳ намебошад, зеро вай маносики ҳаҷро дуруст адо карда наметавонад, аммо валӣ ва сарпарасташ метавонад ба ҷои вай эҳром бандад ва ӯро ҳамроҳи худ дар тамоми маносик ҳозир гардонад ва ё маносикро аз ҷониби вай анҷом диҳад. Ҳукми маҷнун ва кӯдак дар ин маврид яксон аст. Аммо агар пас аз бастани эҳром ба ҷунун ояд, адои ҳаҷҷаш дуруст мебошад ва бар хилофи кӯдак, агар дар мамнӯоти эҳром ҷиноят содир намояд, бар вай ҷазо – пардохти молӣ лозим мегардад.[3]

5. Гарчанде назди ҷумҳури аимма – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ закот бар моли шахси маҷнун бо фароҳам шудани шароиташ воҷиб мегардад ва онро бояд валӣ ва сарпарасташ адо намояд, вале назди аиммаи ҳанафӣ он низ аз зиммаи вай ба монанди намозу рӯза соқит мебошад, зеро закот ҳам аз бузургтарин ибодатҳост ва вай шаръан мукаллаф ба адои ибодат нест.

Муддати имтидоди ҷунун дар мавриди закот ба андозаи гардиши сол аст, ки вуҷуби адо ба он марбут аст ва назди имом Абуюсуф (рҳ) аксари сол – бештар аз нисфаш дар ин ҷо ҳукми кулро дорад. Агар ҷунун бар шахс ориз гардад ва пас аз шаш моҳ бартараф шавад, ба иттифоқи тамоми аиммаи мазҳаб закот бар вай воҷиб аст, зеро он дар мавриди закот мутбиқ набуда, вале агар пас аз гузашти бештар аз аксари сол бартараф гардад, назди имом Абуюсуф (рҳ) закот аз вай соқит гардида ва сол барояш аз нав шуруъ мегардад.

Аммо ушри зироатҳо ва садақаи фитр бе ҳеҷ гуна хилофе назди ҷумҳури аимма бар шахси маҷнун воҷиб мебошад.[4]

СУТРА ВА АҲКОМИ ОН

Намозгузор вақте дар беруни масҷид ва фазои боз намоз гузорад, дар ҳадди имкон бояд намози худро дар ҷое бихонад, ки маҳалли рафтуомади мардум набошад. Дар сурати набудани чунин ҷое суннат аст, ки асо ва ё чӯберо ба андозаи ним метр – як зироъ дар пеши рӯи худ аз он сӯи саҷдагоҳаш ба шакли амудӣ ба замин халонад ва ё пеши зини маркабҳои савориро бигузорад ва ё дар пушти девор, дарахт ва монанди инҳо биистад ва агар дар масҷид ва ё дохили бино танҳогузор бошад, дар пушти сутун ва ё наздики деворе биистад, то миёни ӯ ва роҳгузарон ҳоил бошад ва намозашро аз ҳар гуна ташвиш ва халалҳои беруна ҳифз намояд. Чӯбе, ки дар пеши рӯяш мегузорад, бояд ба андозаи як ангушт ё камтар аз он ғафс бошад ва агар онро ба сурати уфуқӣ ҳам ба замин гузорад, ҷоиз аст. Ин чизро дар истилоҳи шаръ сутра мегӯянд.

Рафтуомади одамон ва гузари ҳайвонот аз беруни сутра, ки хатти фосил ва нишонаи ҷудосозандаи марзи саҷдагоҳ аст, дигар ба намоз

[1] Ишора ба ояти 185-и сураи Бақара аст.
[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 386-388.
[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 536, 627, 628.
[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 207; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 16. – С. 105, 106.

шаръан халале намерасонад. Аммо дар бораи гузари одам ва ё ҳайвоне аз байни сутра ва шахси намозгузор ривоятҳои гуногун ворид шудааст. Бар асоси баъзе ривоятҳо намоз дуруст аст ва онро чизе намебурад[1] ва ба фармудаи қисме аз онҳо гузари зан, хар ва саги сиёҳ намозро қатъ ва фосид мекунад.[2] Аз назари имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва ҷумҳури уламои салаф ва халаф ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) (дар ғайри саги сиёҳ) гузаранда мард, зан, хар, саги сиёҳ ва ҳар чизи дигаре буда бошад, намозро қатъ ва фосид намесозад. Усмон (рз), Алӣ (рз), Убай ибни Каъб (рз), Ҳузайфа (рз) ва бештари саҳоба ва тобеин бар ин назар буданд. Дар назди баъзе саҳобагон, ба монанди Анас (рз), Оиша (рз) ва Муъоз (рз) ва баъзе тобеин гузари зан, марди кофир, хар ва саги сиёҳ намозро мебурад ва назди имом Аҳмад (рҳ) танҳо саги сиёҳ ва дар ривояте зан ва хар низ намозро фосид месозад.

Аз назари ҷумҳур гузари онҳо намозро фосид насозад ҳам, ба хушъ ва оромии намозгузор халал мерасонад ва бинобар аҳодисе, ки дар мазаммат ва наҳйи он собит шуда, макрӯҳи таҳримӣ аст. Намозгузор онро бояд бо тасбеҳ ё бо ишора ва ё бо доштан аз тарафи либосаш ба сурате ки амали бисёр нашавад, аз гузаштан боздорад. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте яке аз шумо намоз гузорид, касеро нагузорад аз пешаш гузарад ва вайро ба андозаи тавонаш дур созад, агар ибо кард, бо вай ба муқотала бархезад, зеро вай шайтон аст ва дар ривояте ҳамроҳаш шайтон аст».***[3]

Шахси убуркунанда агар ин корро бар қасд карда бошад, гунаҳкор мегардад. Расули Худо (с) фармуд: ***«Агар гузаркунанда аз пеши намозгузор бидонад, ки чӣ*** (гуноҳе) ***бар ӯст,*** (муддати) ***чиҳил,*** ба ривояти Баззор, ***сол*** (дар ҷояш) ***бозмонад, барояш аз гузаштан аз пеши вай беҳтар аст».***[4]

Вақте имом дар пеши рӯяш сутра гузошт, он барои қавм ҳам сутра ба шумор меравад.

МАКРӮҲОТИ НАМОЗ

Корҳое, ки дар намоз макрӯҳ ҳастанд, иборатанд аз:

1. Ҳар коре, ки фурӯтанӣ ва шикастагӣ (хузӯъ ва хушуъ)-ро аз байн бибарад.

2. Дур кардани сангреза аз ҷои саҷда. Агар бе дур кардани сангреза натавонад саҷдаи том (пурра) анҷом диҳад, дар он вақт фақат як бор сангрезаро аз саҷдагоҳи худ дур созад, макрӯҳ нест, вале бештар аз як бор макрӯҳ хоҳад буд.

3. Пешонӣ ва рӯи худро аз хок пок кардан.

---

[1] Аз Абуумома (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Намозро ҳеҷ чиз қатъ намекунад»*** (Маҷмаъу-з-завоид. – Ҷ. 2. – С. 62). Ибни Аббос (рз) мефармояд: «Савори модиён (модахар)-е ба Мино омадам ва дар он вақт ба синни эҳтилом наздик гашта будам, ки расули Худо (с) дар он ҷо бо мардум ба сӯи ғайри девор намоз мехонд. Пас аз пеши баъзе сафҳо гузаштам ва аз хар пиёда шуда онро ба чаро сар додам ва дохили саф шудам ва касе ҳам ин корро бар ман инкор накард» (Саҳеҳи Бухорӣ, 493). Ва ба ривояти Тирмизӣ: «Хар аз пеши намозгузорон гузашт ва намозашонро қатъ (фосид) накард» (Сунани Тирмизӣ, 337). Аз Фазл ибни Аббос (рз) низ дар ин бора дар Сунани Абудовуд ҳадисе (718) ривоят шудааст.

[2] Аз Абузар (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте касе аз шумо ба намоз бархост ва дар пешаш ба мисли қафои зин бошад, ӯро сатр мекунад, агар дар пешаш ба мисли қафои зин набошад, намозашро хар, зан ва саги сиёҳ мебурад».*** Ровии ҳадис мегӯяд: Аз Абузар пурсидам, ки саги сиёҳ аз саги сурху зард чӣ фарқ дорад? Гуфт: Ман инро ба мисли ту аз расули Худо (с) пурсидам, фармуд: ***«Саги сиёҳ шайтон аст»*** (Саҳеҳи Муслим,1137 (510)-265).

Шоёни зикр аст, ки сагҳои сиёҳ аслан вуҷуд доранд, вале шайтон ҳам худро ба шакли саги сиёҳ дармеоварад ва ҳамин ки аз пеши намоз гузашт, ба таври дақиқ барои ворид кардани халале дар он аст ва ин аломати шайтон будани он саг аст.

Бар пояи ривоятҳои собитшуда хар аз он ҳайвоноте аст, ки бо дидани шайтон ва дар зери таъсири ангезаҳои вай ба садо дармеояд ва баъзе ҳаракатҳои ғайримаъмулӣ анҷом медиҳад. Бинобар ин, дар ин аҳодис ба вай ишора шудааст, на ба ҳайвоноти дигар. Расули Худо (с) дар ҳадисе мефармояд: ***«Вақте садои харонро шунидед, аз шайтон ба Худо паноҳ баред, зеро он шайтонро дидааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 3303; Саҳеҳи Муслим, 6857 (2729)-82).

Зан аз назари равоншиносии муосир яке аз қавитарин ангезандаҳо ва таъсиргузорҳои беруна дар ботини мард ба шумор меравад, пас бо гузаштани вай аз пеши намоз бешак, роҳе барои илқоот ва васвасаҳои шайтон боз мегардад. Бинобар ин, дар манъи гузари вай аз пеши намоз аз сӯи шаръ таъкиди бештар шудааст, вагарна гузаштани мард ҳам кароҳият дорад ва гунаҳкор мегардад.

Пас ин се мавҷуд муносибтарин ҷо барои мудохила ва илқои васвасаҳо аз сӯи шайтон буда метавонанд.

[3] Саҳеҳи Муслим, 1128 (505)-258, 1130 (506)-260.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 510; Саҳеҳи Муслим, 1132-33 (507)-261; Туҳфаи Аҳвазӣ – Ҷ. 2. – С. 313-315.

4. Саҷда кардан ба печи дастор (салла).

5. Оринҷҳоро дар саҷда ба замин ҳамвор кардан.

6. Мӯйҳои худро боз кардан.

7. Либоси худро боло ва поён намудан.[1]

8. Бо остин ва ё домани барзада вориди намоз шудан. Вақте бо остин ва ё домани барзада вориди намоз гардид, афзал аст, ки онҳоро боз намояд. Ин кароҳият вақте аст, ки остин ва ё доманашро пеш аз намоз, мас., барои вузӯ барзада ва ба ҳамон ҳол вориди намоз шуда бошад, аммо агар дар дохили намоз – пас аз ният онҳоро барзанад, он амали касир ба шумор рафта намозашро фосид мегардонад.

9. Бозӣ кардан бо ангуштон, бо дастҳо ва ё бо гӯшаи либос.

10. Истодан дар ақиби саффе, ки дар миёни он холигӣ вуҷуд дошта бошад.

11. Намоз гузоридан дар ҷое, ки акс ва ҳайкал дар он вуҷуд дошта бошад.

12. Сари бараҳна хондани намоз аслан ҳеҷ боке надорад, вале агар ба ҳолати фурӯтанӣ ва хушуъ дар намоз халале эҷод намояд, дар он вақт кароҳият дорад. Зеро сар аз ҷумлаи аврати мард ба шумор намеравад ва дар бораи кароҳияти сарбараҳнагӣ дар намоз аз расули Худо (с) ва саҳобаи киром ривоят ва асаре собит нашудааст, вале фақеҳони киром онро вақте ба хушуъ дар намоз халале ворид намояд, макрӯҳ донистаанд. Бинобар ин, пӯшонидани он дар баъзе мавридҳо ва вобаста ба урфи мардум фазилат ва хуб мебошад, на воҷиб.[2]

[1] Манзур аз бардоштани либос он аст, ки намозгузор ҳангоми аз қиём ба суҷуд рафтан доманашро барои парешон ва хоколуд нашудан ҷамъугир кунад ва баланд бардорад, вале агар дар фасли гармо, ки либос ба бадани шахс мечаспад, барои намудор нагаштани сурат ва васфи бадан онро бардорад, ҷоиз ва дуруст аст (Раддул-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 490).

[2] Соҳиби «Радд» онро дар қисми макрӯҳоти танзеҳӣ зикр намудааст. Вай дар бораи сарбараҳна хондани намоз аз ҷиҳати тазаллул (хушуъ ва фурӯтанӣ) овардааст: Қавли матн: «Сарбараҳнагӣ аз ҷиҳати тазаллул боке надорад» дар шарҳи «Муня» гуфтааст: Сухани матн ишора ба он аст, ки агар хушуъу тазаллулро бо қалбаш анҷом диҳад ва сарашро бараҳна насозад, беҳтар аст. Зеро онҳо (хушуъу фурӯтанӣ) аз ҳолатҳои қалб мебошанд. Дар «Мухтасарулвиқоя» ва баъзе матнҳои дигар овардааст: Ва бараҳна кардани сар (дар намоз) макрӯҳ дониста шудааст, магар вақте аз рӯи тазаллул (хушуъ ва фурӯтанӣ) буда бошад. Аз ибораи ин матнҳо низ бармеояд, ки пӯшонидан ё бараҳна гузоштани сар дар намоз назди фуқаҳо ба ҳолати хушуъ бастагӣ дорад ва ҳар ҳайате дар намоз, ки ба хушуъ дар он халал расонад, кароҳият дорад. Пас барои баъзе афрод бараҳна гузоштани сар ва барои баъзе дигар пӯшонидани он кароҳият дорад.

Дар «Имдод» бо истинод ба «Таҷнис» мавзӯъро чунин пайгирӣ менамояд: «Бараҳна намудани сар барои намозгузор мустаҳаб мебошад, зеро хушуъ асоси намоз аст».

Сипас соҳиби «Дур» меафзояд: «Дар бораи ин ки хушуъ (тазаллул) ба монанди хавф аз афъоли қалб бошад, ё ба монанди оромӣ аз афъоли аъзо ва ҷавориҳ бошад ва ё аз маҷмӯъи онҳо ҳосил мешавад, назарҳои гуногун вуҷуд дорад. Соҳиби «Ҳиля», бо нақли иҷмои орифон бар қавли аввал, зоҳир шудани ҳолатҳое аз қабили фурӯтанӣ, чашмпӯшӣ, пастовозӣ ва оромиши аъзоро аз лавозими хушуъ медонад. Бинобар ин, барои ба вуҷуд овардан ва таҳкими ҳолати хушуъ дар дил бараҳна намудани сар дар намоз хуб аст» («Дур». Ҷ. 2.– Бейрут. – С. 491.).

Дар ривоятҳои суннат собит шуда, ки расули Худо (с) дар ҳаёти одии худ – берун аз намоз аксаран ридо ва гоҳе имома – дастор ва ё кулоҳ мепӯшид ва ё рӯи кулоҳ дастор мебаст, аҳёнан сарашро бараҳна низ мекард ва дар муҳорибаҳо бар сараш миғфар – хӯд мениҳод. Саҳобаи киром низ ба ин вазъ мезистанд. Дар таълимоти шаръ ба пайравӣ аз навъи либос ва пӯшишҳои он ҳазрат (с) ба ҳайси суннат таъкид нашудааст, ҳамон гуна ки ба пайравӣ аз навъи хӯрокҳои дӯстдошта ва ё навъи роҳравӣ ва ҳаракоту саканоти он ҳазарат (с) таъкиди хоссе нашудааст. Ҳарчи буда, пайравӣ аз он ҳазрат (с) дар ин умур аз боби фазилат ва изҳори навъе дилбастагӣ ба сирати эшон будааст ва он бо вуҷуди хуб будан ҳаргиз ба ин маъно нест, ки агар касе дар ин умур аз ӯ пайравӣ накунад, аз суннат берун рафта бошад ва гунаҳгор гардад. Зеро назди ҷумҳури фақеҳон ин умур аз ҷумлаи аҳволи шахсӣ ва суннатҳои одот аст. Мас., паёмбари акрам (с) рӯзаашро ғолибан бо чанд дона хурмо мекушод ва ё кадуро дар хӯрок бештар дӯст медошт ва чунин нест, ки агар касе ҳам рӯзаашро ба чизи дигаре ғайр аз хурмо бикушояд ва ё камтар каду бихӯрад, гунаҳкор гардад. Масъалаи сарбараҳнагӣ дар намоз ва берун аз он низ назди оммаи фақеҳон ҳамин ҳукмро дорад, зеро гарчанде дар бораи сарбараҳна гузоридани намоз аз паёмбари акрам (с) ба ҷуз як ривоят дар Ҷомеъу-с-сағири Суютӣ аз Ибни Аббос дигар чизе собит нашудааст, вале чун дар бораи пӯшидани он низ амр ва таъкиди хоссе ворид нашуда, он ба мисли дигар аҳвол ва рафтори эшон дар беруни намоз бар асли ҷавоз боқӣ мемонад.

Дар қисмате аз ҳадиси ривоятшуда дар Ҷомеъу-с-сағир омадааст: ***«Ва гоҳе (он ҳазрат (с) кулоҳашро аз сараш гирифта ба ҷои сутра дар намоз дар пешаш мегузошт»*** (ал-Ҷомеъу-с-сағир, Ҷалолуддини Суютӣ, 7167). Уламо дар бораи сиҳҳат ва заъфи ин ҳадис ихтилофи назар доранд, Муновӣ онро дар «Файз» саҳеҳ гуфта, далел бар ҷавози он дар ҳолати муяссар набудани сутра ва ё бар ҷавози он ба таври мутлақ донистааст (Файзу-л-қадир. – Ҷ. 5. – С. 247), вале баъзе муҳаққиқон онро дар тахриҷи аҳодиси Ҷомеъу-с-сағир, 10090) ниҳоят заъиф гуфтаанд.

13. Бо даст шуморидани оятҳо ва ё тасбеҳоте, ки дар намоз мехонад.

14. Тарки суннате аз суннатҳои намоз.

15. Намоз хондан дар замини шахси дигар бе ризояти соҳиби он.

16. Намоз хондан дар рӯ ба рӯи оташ, гулхан ва оташдоне, ки дар он оташ бошад.

17. Намоз хондан дар ҷойҳои ҳақир ва олуда, ба монанди ҳаммом, гирду атрофи ҳоҷатхона ва роҳравҳои олудаву нопок.

18. Намоз хондан дар миёни роҳ.

19. Намоз хондан дар гӯристон.

Аммо ҳар амале, ки барои ислоҳи намоз ва ислоҳи вазъи намозгузор дар он муфид бошад, то вақте ба дараҷаи амали касир нарасида бошад, ҷоиз аст ва кароҳияте надорад. Ривоят шудааст, ки паёмбар (с) дар намоз арақ кард ва онро аз пешониаш пок намуд. Ҳамчунин аст бардоштани либоси часпида ба бадан дар фасли гармо, то намозгузорро аз намудор гаштани васфҳои баданаш ҳифз намояд.

Бо намозгузор сухан гуфтан ва аз вай чизе пурсидан, вақте бо ишораи сар ва ё даст ҷавоб диҳад, боке надорад, мас., ба вай дирҳам – пуле нишон дода шавад ва пурсида шавад, ки он сара аст ё қалбакӣ ва ӯ бо ишораи сар ҳа ё не бигӯяд ва ё пурсида шавад, ки чанд ракъат намоз гузоридед ва ӯ бо дасташ ишора кунад, ки як ва ё ду ракъат, боке надорад. Дар Қуръони карим омадааст: **«Пас фариштагон ӯро нидо карданд, дар ҳоле ки дар қиём буда (ва) дар меҳроб намоз мегузорид»**.[1]

Аммо ҷавоби саломро бо ишораи даст ва ё сар додан кароҳияти танзеҳӣ дорад ва бо сухан аз муфсидоти намоз ба шумор меравад. Аз Ибни Масъуд ривоят шуда, ки пас аз баргашт аз назди Наҷошӣ – аз Ҳабаша ба расули Худо (с), ки дар намоз буд, салом додем, вай ҷавобамонро надод[2]

Бинобар ин, фақеҳоне, ки ҷониби заъфро дар ҳадиси фавқ таъйид намудаанд, бо истинод бар сираи умумии паёмбар (с) дар намозҳо, ки ҳеҷ гоҳе онҳоро бо сари бараҳна нагузоридааст, пӯшидани сарро дар намоз мустаҳаб ва бе узр бараҳна кардани онро макрӯҳ донистаанд. Машоихи Азҳари шариф ва муфтиёни мамлакати Арабистони Саудӣ, ҳамон гуна ки дар фатовои Шабакаи исломӣ (фатвои шумораи 6050, дар зимни саволи: Оё намоз бо пероҳани остинкӯтоҳ ва бо сари бараҳна ҷоиз аст), Фатовои исломӣ: савол ва ҷавоб (фатвои шумораи 68815) ва дигар мавқеъҳои исломӣ дар мактабаи шомила омадааст, бо истинод бар ин ки ҳеҷ далел ва нассе дар таъкиди пӯшиши сар дар намоз ва ё истиснои он аз аҳволи муқаррарии он ҳазарат (с) ворид нашудааст, ҳарчанд онро хуб ва навъе фазилат медонанд, вале бо сари бараҳна ва ҳамин тавр пероҳани остинкӯтоҳ гузоридани намозро барои мардон ҷоиз донистаанд, ба вижа вақте он одат ва расми мардуми бумии он ҷо дар ҳаёти муқаррарӣ ва пӯшишҳои расмиашон бошад.

Ба ҳар сурат, баъзе матнҳои фиқҳӣ, ба мисли Мухтасарулвиқоя ва ғ. бараҳна гузоштани сарро дар намоз, агар аз рӯи тазаллул набошад, макрӯҳ гуфтаанд.

[1] Сураи Оли Имрон, 3:39. Масъалае, ки аз ин ояти карима собит мешавад, ин аст, ки фариштагон бо Закарийё ҳангоме дар намоз буд, сухан гуфтанд ва ӯро бо фарзанде, ки Худо барояш рӯзӣ мебинад, башорат доданд.

[2] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1199, 3875 ва Саҳеҳи Муслим, 1201 (538)-34 дар ин бора ривоят шудааст.

Дар ривояти Ҷобир ибни Абдуллоҳ омадааст: *«Расули Худо (с) маро барои коре фиристод ва пас аз анҷоми он баргаштам ва ба вай (ки дар намоз буд) салом додам, ба ман ҷавобе надод. Ба дилам афтод ва Худо онро беҳтар донад, ки шояд расули Худо (с) чун дертар кардаам, аз ман озурдааст. Боз ба ӯ салом додам ва ҷавобе надод. Ин навбат дар дилам сахттар афтод. Боз ба ӯ (пас аз намоз) салом додам, он гоҳ ҷавоби саломамро дод ва фармуд: **Ҷавоби саломатро барои он нададодам, ки дар намоз будам**. Он ҳазрат (с) савори шутураш буда ва ба сӯи ғайри қибла ҳаракат мекард»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1217).

Аз маҷмӯи аҳодиси ривоятшуда дар боби манъ шудани сухан дар намоз бармеояд, ки дар ибтидои фарзияти намоз дар он сухан гуфтан ва ҷавоби саломро додан ҷоиз будааст ва ба гуфтаи Зайд ибни Арқами Ансорӣ: ***«Дар аҳди расули Худо (с) дар намоз сухан мегуфтем, яке аз мо бо бародараш (дар саф) ҳоҷат ва кори худро мегуфт, то он ки ояти 238-уми сураи Бақара нозил гардид (ва онро манъ кард), пас аз он (дар намоз) ба сукут амр шудем»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1200, 4534). Ривояти Ибни Масъуд (рз) низ ба ҳамин ҳолат далолат дорад, он ҷо ки мефармояд: ***«Ба расули Худо (с) вақте дар намоз буд, салом медодем ва ӯ ҷавоби саломамонро медод ва чун аз назди Наҷошӣ баргаштем ва ба вай, ки дар намоз буд, салом додам, ҷавоби саломамро надод...»***.

Баъзе аҳли илм, ба монанди Ибни Ҳиббон ва дигарон бар ин назаранд, ки он – манъ шудани калом дар намоз дар Макка сурат гирифтааст ва гуфтаи Ибни Масъуд (рз) низ ба баргашти вай аз ҳичрати аввали Ҳабаша тааллуқ дорад. Ба гуфтаи сиранигорон Ибни Масъуд (рз) дар ҳичрати аввали мусулмонон ба сарзамини Ҳабаша ҳузур дошт ва чун хабари исломи сарони Қурайш ба онҳо расид, ба Макка баргаштанд ва воқеиятро бар хилофи он ёфтанд. Пас аз он бори дигар ба Ҳабаша ҳичрат намуданд. Вале назари баъзе дигар аз аҳли илм, аз ҷумла аиммаи ҳанафӣ он аст, ки ин амр дар Мадина сурат гирифтааст ва он ба баргашти Ибни Масъуд (рз) аз ҳичрати дуюми Ҳабаша тааллуқ дорад. Тибқи ривоятҳои таърихӣ вай соли дуюми пас аз ҳичрат бо ҷамъе

ва ба гуфтаи Хаттобӣ ва Таҳовӣ: Паёмбар (с) пас аз фароғ аз намоз ҷавоби саломашро дод.[1]

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МАКРӮҲОТИ НАМОЗ

Макрӯҳ чизе аст, ки намоз ба сабаби он фосид намегардад, вале аз савобаш коста мешавад.

1. Ангуштони дасту пойро дар намоз шикастан (ба садо водоштан), дастро дар тиҳигоҳ (камар) ниҳодан,[2] гарданро ба тарафи чапу рост гардонидан ва ба чапу рост нигоҳ кардан макрӯҳ аст.[3] Вале ба гӯшаи чашм нигаристан ҷоиз аст ва бе зарурат анҷом надодани он беҳтар аст.

2. Дар намоз бе узр сагнишин кардан (дастони худро аз пеш ба замин ниҳода нишастан) ва ё ҳар ду пойро рост гирифтан (дар қаъда) макрӯҳ аст.

3. Ҷавоби саломро бо даст додан макрӯҳ аст.

4. Агар шахсе нишаста, машғули суҳбат ва коре бошад ва шахси дигаре дар пушти он намоз бихонад, боке надорад, вале намоз нахондан дар чунин ҳолат беҳтар аст.

5. Бар фарше, ки акс (сурат) дорад, намоз хондан ба шарте ки дар болои сурат набошад, ҷоиз аст.

6. Ҷойнамози аксдор ва нигоҳ доштани суратҳо дар хона гуноҳ аст.

7. Агар акси ҷондор дар тарафи боло ва ё чапу рости намозгузор бошад, намоз макрӯҳ аст. Агар дар зери по бошад ё ба андозае хурд бошад, ки агар ба замин гузошта шавад, ба чашм нахӯрад, ё сарбурида бошад, макрӯҳ нест.

8. Сурату акси дарахтҳо ва манзараҳои гуногуни табиат кароҳият надоранд.

9. Ба андозаи се оят зиёд кардани қироат дар ракъати дуюм нисбат ба ракъати якум макрӯҳ аст.

10. Бар китф андохтани қабо ва болопӯш ва аз остин берун кашидани дастҳо дар намоз макрӯҳ аст.

11. Бе узр либоси чиркину нопокиза пӯшидан дар намоз макрӯҳ аст.

12. Ба даҳон чизе гирифтан, ҳарчанд ба рафти қироат халале нарасонад, макрӯҳ аст, вале агар монеи қироат шавад, намоз фосид мегардад.

13. Дар ҳолати танг омадани вузӯ хондани намоз кароҳият дорад.

14. Дар ҳолати гуруснагии сахт ба шарте ғизо (таом) омода бошад ва вақт ҳам танг наёмада, пеш аз хӯрок намоз хондан макрӯҳ аст.

15. Пӯшидани чашмҳо дар намоз макрӯҳ аст, магар барои камоли хушуъ бошад.[4]

16. Бе зарурат афкандани оби даҳону бинӣ макрӯҳ аст.

17. Агар дар намоз шапуш ё кайкеро гирифта кушт ва ё берун андохт, боке надорад.

18. Дар намозҳои фарз бе узр такя намудан макрӯҳ аст.

19. Пеш аз тамом шудани сура ё оят ба рукӯъ рафта, онро дар ҳолати рукӯъ тамом намудан кароҳият дорад.

20. Агар саҷдагоҳ аз ҷои қадамҳо ба андозаи

аз мусулмонон аз Ҳабаша ба Мадина омад ва расули Худо (с)-ро дар намоз ёфт. Ин дар ҳоле буда, ки мусулмонон барои ҷанги Бадр омодагӣ медиданд ва Абдуллоҳ (рз) дар он ҷанг ширкат варзидааст. Ривояти Зайд ибни Арқами Ансорӣ низ инро таъйид мекунад, зеро вай пеш аз ҳиҷрат ҳаргиз ба Макка нарафтааст, дар ҳоле ки шаъни нузули ояти 238-уми сураи Бақара ва манъ гардидани каломро дар намоз ривоят мекунад ва назди тамоми муфассирон низ собит аст, ки ин оят дар Мадина нозил шудааст.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 497.

Қиёси масъала тақозо мекард, ки бо ишораи сар ва ё даст додани ҷавоби салом низ боке надошта бошад, вале чун он бо насси ҳадис манъ гардидааст, дар он ба муқтазои насс амал карда мешавад. Аммо аз он ҷо ки дар баъзе ривоятҳо ишораи бо даст низ ба гунае зикр гардидааст, пас бо ҷамъбандии онҳо бо аҳодиси наҳӣ бузургони мазҳаби ҳанафӣ онро макрӯҳи танзеҳӣ – хилофи авло донистаанд, на макрӯҳи таҳримӣ ва фосидкунандаи намоз.

[2] Ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) аз ниҳодани даст дар камар дар вақти намоз наҳӣ намудааст»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1219, 1220; Саҳеҳи Муслим, 1218 (545)-46; Сунани Абудовуд, 947; Сунани Тирмизӣ, 383).

[3] Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с)-ро дар бораи илтифот кардан ва нигаристан дар намоз пурсидам. Фармуд: ***«Он як (сирқат ва) рабоише мебошад, ки шайтон онро бо суръат аз намози банда медуздад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 751, 3291; Сунани Абудовуд, 910, 911; Сунани Тирмизӣ, 590; Сунани Насоӣ, 1195, 1196, 1197, 1198).

Он ҳазрат (с) дар ривояти дигаре мефармояд: ***«Худои азза ва ҷалл дар намоз пайваста ба банда илтифот ва таваҷҷуҳ дорад, то замоне ки банда (таваҷҷуҳ ва) нигоҳи худро ба дигар тараф равона накарда бошад. Вақте нигоҳ (ва таваҷҷуҳ)-и худро ба тарафе равона сохт, Худо аз вай бармегардад»*** (Сунани Абудовуд, 909; Сунани Насоӣ, 1194).

[4] Дар ҳоли қиём суннат аст, ки нигоҳашро ба саҷдагоҳаш бидӯзад ва чун чашмонашро бипӯшад, ин суннат тарк мегардад. Пас зоҳир ин аст, ки пӯшидани чашмон дар қиём макрӯҳи танзеҳӣ аст ва баъзе уламо онро ба хотири мушавваш нагаштани фикр ҷоиз ва авло донистаанд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 499).

як вақаб ё беш аз он баландтар бошад, намоз ҷоиз нест. Агар аз ин камтар бошад, ҷоиз аст.

БАЁНИ ҲОЛАТҲОЕ, КИ МЕТАВОН НАМОЗРО БАРОИ ОНҲО БУРИД

Нафс, мол ва дигар мутааллиқоти инсон дар таълимоти ислом арзиши зиёд доранд ва ба ҳифзи онҳо тавсия шудааст, ҳатто агар ба сабаби идомаи намоз хавфи аз байн рафтан, гум шудан ё талаф ёфтани чизе аз онҳо пеш ояд, барояш шаръан ҷоиз аст, ки намозашро, фарз бошад ё нафл, қатъ намояд ва ба ислоҳи он равад. Бино бар гуногунӣ ва тафовути ҳолатҳо, ҳаводис ва узрҳое, ки барои шахс дар аснои намоз пеш меоянд, қатъ кардан (буридан)-и намоз гоҳе барояш ҳаром, гоҳе мубоҳ, гоҳе мустаҳаб ва гоҳе ҳам воҷиб мебошад. Қатъи намоз, агар бе ҳеҷ узре бошад, ҳаром аст, агар аз хавфи фавт – аз байн рафтани моле бошад, мубоҳ аст, агар барои такмил ва ислоҳи чизе бошад, мустаҳаб аст ва агар барои наҷот ва эҳёи нафсе бошад, воҷиб аст.

1. Мошин ё қатора (поезд) ба роҳ афтад, дар ҳоле ки васоили сафар ва ё зану фарзандони намозгузор дохили он бошанд, дар ин сурат метавонад намози худро қатъ намуда, ба онҳо бирасад.

2. Аз пешорӯи намозгузор мор ё газандаи дигаре биояд ва эҳтимоли газиданаш вуҷуд дошта бошад, намозашро раҳо кардан ҷоиз аст.

3. Ҳангоми намоз гург ё даррандаи дигаре ба чашм хӯрад, дарҳол намозро тарк карда, аз гӯсфандон ва дигар дороии худ ҳифозат кардан ҷоиз аст.

4. Дар аснои намоз агар кафш (пойафзор)-ашро касе бардошт ва дар сурати идомаи намоз бурдани он аз эҳтимол дур нест, метавонад барои бозпас гирифтани кафшаш намозро тарк кунад. Дигар васоил ва сомоне, ки қимати чанд дирҳамро дошта бошанд, низ ҳамин ҳукмро доранд.

5. Дар аснои намоз дег, самовар ва ғайра ба ҷӯш ояд ва эҳтимоли аз байн рафтани хӯрок ё дигар васоил вуҷуд дошта бошад ё роҳила (маркаби савори)-аш бирамад (бигурезад), метавонад барои ҳифозат ва ислоҳи онҳо намозашро раҳо кунад.

Ҳамчунин вақте дар намози нафл бошад ва ҷанозае оварда шавад ва хавфи фавти ҷаноза дар сурати итмоми он вуҷуд дошта бошад, намозашро қатъ ва пас аз ҷаноза қазоашро ба ҷой меовард.

6. Дар байни намоз қазои ҳоҷат ғалаба кунад, намозро қатъ намуда, ҳоҷати худро анҷом диҳад. Дар ҳолати танг омадани пешоб ва ҳоҷат идома додани намоз кароҳият дорад.

7. Нобиное рӯ ба сӯи чоҳе ё чуқурие дар ҳаракат бошад ва бими афтоданаш дар он чоҳ ё чуқурӣ ҷой дошта бошад, барои наҷот додани вай тарки намоз воҷиб аст. Агар намозашро қатъ накунад ва нобино талаф ёбад, гунаҳкор мегардад. Ҳамчунин қатъи намоз, фарз бошад ё нафл, барои наҷот додани ғариқ (ғарқгашта), ҳариқ (сӯхта, дучори сӯхтор гашта) ва маҳдум (ба зери хок, сел, тарма, харобаҳои девор, хона ва ғ. монда) воҷиб аст.

8. Падару модар ё падаркалон ва модаркалон ба сабаби пешомаде (ҳодисае) намозгузорро садо диҳанд ва аз вай мадад талабанд, қатъ намудани намози фарз ва додани ҷавоби онҳо (ба ёриашон рафтан) воҷиб аст. Аммо агар бе ҳеҷ ҳодиса ва пешомаде падару модар ё падаркалон (бобо) ва модаркалон (бибӣ) ӯро дар аснои намоз садо диҳанд, агар намози фарз бошад, раҳо кардан (буридан)-и он ҷоиз нест. Ҳамчунин вақте дар намози нафл бошад ва бидонанд, ки вай дар намоз аст, онро қатъ намекунад, вале агар ӯро надониста садо диҳанд, пас тарки он воҷиб аст.

Хулоса, намозгузор вақте бишнавад, ки касе мадад металабад, гарчи ӯро дар назар надошта бошад, худӣ ё бегона бошад, бидонад, ки ӯро чӣ расидааст ё надонад, дар ҳоле ки қудрати ёрӣ расонидан ва наҷот додани ӯро дошта бошад, қатъи намоз ва ба вай мадад расонидан бар ӯ воҷиб аст, намозаш хоҳ фарз бошад ё нафл.[1]

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 608–610; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 20. – С. 342.

Фасли нуҳум

НАМОЗИ ВИТР

Намози витр ҳам ба монанди намози шом се ракъат буда, хондани он назди имом Абуҳанифа (рх) воҷиб ва назди Имомайн суннат аст ва баъд аз намози хуфтан хонда мешавад.[1]

Витрро аз воҷибот медоранд,
Бар ҳама воҷиб аст бигузоранд!

Тарзи хондани намози витр ҳам монанди намози шом мебошад, танҳо ин ки дар ракъати сеюми намози витр, баъд аз хондани сураи *«Фотиҳа»* як сураи дигареро мехонад ва пас аз фориғ шудан аз қироат такбир – *«Аллоҳу акбар»*-гӯён дастҳои худро баробари гӯшҳояш баланд намуда, сипас онҳоро дар зери ноф

[1] Дар бораи панҷ, се ва ҳамчунин як ракъат будани намози витр ривоятҳои саҳеҳе аз паёмбар (с) ворид шудааст. Оиша (рз) дар бораи намози расули Худо (с) дар моҳи Рамазон пурсида шуд, гуфт: *«Расули Худо (с) на дар моҳи Рамазон ва на дар ғайри он (шабона) аз ёздаҳ ракъат зиёд намехонд. Аввал чаҳор ракъат мехонд, ки аз зебоӣ ва дарозии онҳо напурс. Пас аз он чаҳор ракъати дигар мехонд, ки аз зебоӣ ва дарозии онҳо напурс. Дар охир се ракъат мехонд…»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569). Тирмизӣ ба ин ривояти Оиша (рз) дар боби: Ончи дар бораи витр бо се ракъат омадааст, пас аз ҳадиси 459 ишора кардааст.

Қосим пас аз зикри ҳадиси паёмбар (с) дар бораи як ракъат будани витр мегӯяд: *«Аз замоне худро шинохтем, одамонеро дидем, ки намози витрро се ракъат мехонданд. Ва (доираи амал) дар ин кор васеъ мебошад. Умед дорам, ки дар ҳеҷ кадоми онҳо боке набошад»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 993; Сунани Насоӣ, 1691).

Дар ривояти дигар омадааст, ки: *«Паёмбар (с) шабона сездаҳ ракъат намоз мехонд, ки панҷ ракъати онро витр мехонд ва дар чизе аз он ба ҷуз дар охир салом намедод...»* (Саҳеҳи Муслим, 1717; Сунани Тирмизӣ, 459).

Дар ривояти дигар омадааст: *«Паёмбар (с) се ракъат витр мехонд ва дар он (дар маҷмӯъ) нуҳ сура, яъне дар ҳар ракъати он се сурай мехонд, ки охирин сураи он Қул ҳуваллоҳу аҳад буд»* (Сунани Тирмизӣ, 460). Ҳамчунин ривоят шудааст, ки: *«Расули Худо (с) дар се ракъати намози витр сураҳои «Саббиҳисма раббика-л-аъло», «Қул ё айюҳа-л-кофирун» ва «Қул ҳува-л-лоҳу аҳад»-ро мехонд»* (Сунани Абудовуд, 1423, 1424; Сунани Тирмизӣ, 462, 463; Сунани Ибни Моҷа, 1172, 1173). Усмон ибни Абушайба дар ҳадисе аз Ибни Аббос (рз) витри паёмбар (с)-ро се ракъат ривоят кардааст (Сунани Абудовуд, 1354). Имом Муслим низ дар бахше аз ҳадиси Ибни Аббос (рз) овардааст: ***«Расули Худо (с) пас аз он бо се ракъат витр хонд»*** (Саҳеҳи Муслим, 1796 (763)-191). Дар ин ривоятҳо се ракъат будани намози витр ба таври равшане муайян шудааст.

Тирмизӣ пас аз зикри ин ривоятҳо мефармояд: Ҷамъе аз асҳоби паёмбар (с) ва ғайри онҳо бар ин назар бу-

данд, онҳо витрро се ракъат медонистанд. Суфёни Саврӣ мегӯяд: Ба ҳар кадоме аз панҷ, се ва як ракъат хоҳӣ, метавонӣ витр бихонӣ ва чизе, ки ман дӯст медорам, ин аст, ки бо се ракъат витр бихонам ва ин қавли Ибни Муборак ва аҳли Куфа аст. Тирмизӣ ҳамчунин аз Муҳаммад ибни Сирин ривоят мекунад, ки фармуд: (Саҳоба ва тобеин) бо панҷ, се ва як ракъат витр мехонданд ва ҳамаро (дуруст ва) хуб медонистанд.

Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки марде расули Худо (с)-ро дар бораи намози шаб пурсид. Фармуд: ***«Намози шаб ду ракъатӣ – ду ракъатӣ мебошад. Вақте касе аз шумо хавфи дамидани субҳро дошта бошад, бо як ракъат намозҳои гузоштаашро витр созад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 472, 473, 990, 993, 995; Саҳеҳи Муслим, 1745 (749)-145, 146, 147 то 159; Сунани Абудовуд, 1326; Сунани Насоӣ, 1693).

Дар ин ривоят намози витр як ракъат зикр шудааст. Баъзе доираҳои илмӣ бо истинод ба ин ривоятҳо намози витрро се ракъат бо ду салом ва баъзеҳо як ракъат медонанд. Ин назари баъзе саҳоба ва тобеин ва аксари муҳаддисон аст ва қавли имом Молик (рх), имом Шофеъӣ (рх) ва имом Аҳмад (рх) низ ба гуфтаи Тирмизӣ ҳамин аст.

Машоихи киром ва пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ, ба монанди аксари доираҳои илмӣ, ривоятҳоеро, ки се ракъат будани намози витрро бо як салом собит месозанд, дар умум бар ривоятҳои дигар тарҷеҳ додаанд ва бо истинод бар осори саҳоба витрро бо як ракъат ҷоиз надонистаанд ва аҳодиси бобро барои ҷамъи онҳо дар амал ба маънои дигаре тавҷеҳ кардаанд. Назари ҷамъи бузурге аз саҳобаи киром, ба монанди Умар (рз), Алӣ (рз), Ибни Масъуд (рз), Ибни Аббос (рз) ва дигарон низ бар ин буда, ки витр се ракъат аст (Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. - Ҷ. 2. – С. 209, 210).

болои ҳам гузошта, *«дуои қунут»*-ро мехонад ва баъд бо гуфтани такбир монанди дигар намозҳо рукӯъ, ду саҷда, ташаҳҳуд, салавот, дуо ва саломро анҷом дода, аз намоз берун меояд.

Дар «Қунут» метавонад дуои зеринро бихонад:

اَللّٰهُمَّ إِنَّا نَسْتَعِينُكَ، وَنَسْتَغْفِرُكَ، وَنُؤْمِنُ بِكَ،
وَنَتَوَكَّلُ عَلَيْكَ، وَنُثْنِي عَلَيْكَ الْخَيْرَ، نَشْكُرُكَ
وَلَا نَكْفُرُكَ، وَنَخْلَعُ وَنَتْرُكُ مَنْ يَفْجُرُكَ.
اَللّٰهُمَّ إِيَّاكَ نَعْبُدُ، وَلَكَ نُصَلِّي وَنَسْجُدُ
وإِلَيْكَ نَسْعَى، وَنَحْفِدُ وَنَرْجُو رَحْمَتَكَ وَنَخْشَى
عَذَابَكَ إِنَّ عَذَابَكَ بِالْكُفَّارِ مُلْحِقٌ.

«Аллоҳумма, инно настаъинука ва настағфирука ва нуъмину бика ва натаваккалу ъалайка ва нусни ъалайка-л-хайра, нашкурука ва ло накфурука ва нахлаъу ва натруку ман яфҷурук.

Аллоҳумма, ийёка наъбуду ва лака нусаллӣ ва насҷуду ва илайка насъо ва наҳфиду ва нарҷу раҳматака ва нахшо азобака. Инна азобака би-л-куффори мулҳиқ».[1]

«Худоё, мо аз Ту мадад металабем ва мағфират мехоҳем ва ба Ту имон меоварем ва бар Ту таваккал менамоем ва барои Ту санои хайр мегӯем ва шукр мегӯем ва Туро носипосӣ намекунем ва раҳо месозем касеро, ки аз фармонҳоят саркашӣ намояд.

Худоё, танҳо Туро мепарастем ва холисона бароят намоз мегузорем ва Туро саҷда мекунем ва ба сӯи Ту саъй ва ба сӯи тоатат шитоб менамоем ва аз раҳматат умедворем ва аз азобат бим дорем. Ногузир, азоби Ту бар кофирон хоҳад расид».[2]

Суннат аст намози витр дар моҳи мубораки Рамазон, баъд аз намози таровеҳ бо ҷамоат хонда шавад, ба ин тартиб, ки имом дар тамоми ракъатҳои он қироатро баланд бихонад.

«Дуои қунут» дар ғайри намози витр хонда намешавад, магар ҳангоми вуқӯи ҳодисаҳои ногувор, монанди: тоъун (беморӣ ва вабо), ҳуҷуми куффор, қаҳтии сахт ва ғайра. Ин навъ қунутро қунути нозила (мусибат) мегӯянд. Қунути нозила дар ракъати охири намозҳои фарз пас аз рукӯъ хонда мешавад ва ба қавли роҷеҳ назди машоихи мазҳаб танҳо дар намози бомдод хонда мешавад.

Агар намозгузор дар намози витр ба касе иқтидо намояд, ки ӯ «қунут»-ро баъд аз рукӯъ мехонад, бояд ӯ ҳам «қунут»-ро бо пайравӣ аз имомаш бихонад. Вале агар дар намози бомдод ба касе иқтидо намояд, ки ӯ дар он «қунут» мехонад, дар он сурат дастҳои худро ба паҳлӯяш раҳо карда, ҳамроҳи ӯ биистад, сукут намояд ва «қунут» нахонад.[3]

Агар дар ракъати сеюм хондани «дуои қунут»-ро фаромӯш карда, ба рукӯъ равад, он гоҳ ба ёдаш ояд, дигар барои хондани «қунут» бармегардад, балки дар охири намоз саҷдаи саҳв намояд. Агар баргашт, боз ҳам бояд саҷдаи саҳв намояд.

Агар ба фаромӯшӣ дар ракъати якум ё дуюм

---

[1] Ривоят шудааст, ки Ҷабраил (а) ин дуоро ба паёмбар (с) таълим дод (Сунани Куброи Байҳақӣ, 3226. - Ҷ. 3. – С. 53; Мусаннафи Ибни Абушшайба, 5. - Ҷ. 2. – С. 200).

[2] Дуои дигаре дар қунут бо санади саҳеҳ собит шудааст. Ҳасан ибни Алӣ (рз) мегӯяд: Расули Худо (с) калимаҳоеро ба ман ёд дод, ки онҳоро дар (қунути) намози витр мехонам: «*Аллоҳумма-ҳдинӣ фиман ҳадайта, ва ъофинӣ фиман ъофайта, ва таваллани фиман таваллайта, ва борик лӣ фимо аътайта, ва қинӣ шарра мо қазайта. Иннака тақзӣ ва ло юқзо ъалайка, ва иннаҳу ло язиллу ман волайта ва ло яъиззу ман ъодайта, таборакта раббано ва таъолайта*» (Сунани Абудовуд, 1425; Сунани Тирмизӣ, 464; Сунани Насоӣ, 1744, 1745; Сунани Ибни Моҷа, 1178).

[3] Онҳое, ки дар намози бомдод қунут мехонанд, моликиён ва шофеъиён ҳастанд, ки ҷамоаи аввал ба тариқи истеҳбоб дар он қунут мехонанд ва ҷамоаи дуюм онро суннати муаккада медонанд. Чун хондани қунут дар намози бомдод назди ҳанафиён машрӯият надорад, муқтадии ҳанафӣ вақте аз пушти онҳо намоз гузорад, дар қунут сукут мекунад ва танҳо ба ҳоли қиём аз он имом пайравӣ мекунад.

Аммо дар намози витр вақте ба имоми ҳанбалие иқтидо намояд, ки пас аз рукӯъ қунут мехонад, дар хондани қунут аз ӯ пайравӣ мекунад. Назди онҳо пас аз рукӯъ хондани қунут мандуб ва афзал аст. Зеро хондани қунут бар асоси аҳодисе, ки дар ин боб аз расули Худо (с) ворид шудаанд, пеш аз рукӯъ ва пас аз он ҳар ду ҷоиз ва машрӯъ аст. Аиммаи ҳанафӣ пеш аз рукӯъ хондани онро баргузида ва ҳанбалиён пас аз рукӯъ хондани онро афзал донистаанд. Пас ихтилофи ҳанафиён ва ҳанбалиён дар ҷои хондани қунут дар витр аз масоили иҷтиҳодӣ аст ва дар масоили иҷтиҳодӣ тибқи қавоиди аиммаи мазҳаб пайравӣ аз имоме, ки бар мазҳаби дигар аст, то имкон дорад барои ҳифзи ваҳдати калимаи мусулмонон ҷоиз ва воҷиб аст.

«дуои қунут» хонад, онро эътиборе нест. Бояд дар ракъати сеюм «дуои қунут»-ро бихонад ва дар охир сағдаи саҳв намояд.

Агар «дуои қунут»-ро аз ёд надонад, ин дуоро бихонад:

«Раббано отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор» ё се бор **«Аллоҳумма-ғфир лӣ»**, ё се бор **«Ё Рабб»** бигӯяд, намозаш ҷоиз мегардад, вале лозим аст барои ёд гирифтани «дуои қунут» кӯшиш намояд.

Касе ба бедорхобӣ ва саҳархезии худ эътимод надошта бошад, бояд намози витрашро пас аз намози хуфтан ва пеш аз хоб бигузорад ва касе ба шаббедорӣ ва хестани худ бовар дошта бошад, онро дар охири шаб пас аз намози таҳаҷҷуд ва пеш аз дамидани субҳ бигузорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе хавф барад, ки дар охири шаб намехезад (бедор намешавад), пас дар аввали шаб (пеш аз хоб) витрро бигузорад ва касе умед дошта бошад, ки дар охири шаб мехезад, витрро дар охири шаб бигузорад, ки намози охири шаб машҳуд аст ва ин афзал аст»***.[1]

Дар байни бузургони садри ислом ва пешвоёни мазоҳиби аҳли суннат ҳадди ақал дар даҳ маврид аз намози витр ба таври куллӣ ва ё ҷузъӣ назарҳои гуногун вуҷуд дорад: 1. дар вуҷуб ва надби он, 2. дар адади ракъатҳои он, 3. дар шарт будан ва набудани таъйини ният дар он, 4. дар ихтисоси қироат дар он, 5. дар охир ва ё тамомшавии вақти он, 6. дар сафар савори маркаб гузоридани он, 7. дар қазо доштани он, 8. дар хондани қунут ва ҷои он, 9. дар дуои қунут, 10. дар фасл ва васл – ҷудо ва ё якҷоя хондани ракъати сеюм бо ракъатҳои қаблӣ.[2] Аҳли илм ва пешвоёни мазҳабҳо бо истинод ба далоиле нуқтаи назари худро дар ин мавридҳо иброз дошта ва далоили ҷониби дигарро ба сурати муносибе барои ҷамъи байни ривоятҳои гуногун дар амал тавҷеҳ намудаанд. Ҳоло хулосаи ин масоилро ба таври фишурда зикр менамоем:

1. Намози витр назди ҷумҳури аимма ва ҳамин тавр имомайн – Абуюсуф (рз) ва Муҳаммад (рз) суннати муаккада ва назди имом Абуҳанифа (рз) воҷиб аст.

2. Назди бузургони шофеъӣ ва ҳанбалӣ камтарин адади он як ракъат аст, вале иктифо ба он хилофи авлост ва назди машоихи ҳанафӣ намози витр се ракъат аст ва як ракъат ҷоиз нест.

3. Назди машоихи ҳанафӣ таъйини ният дар намози витр шарт дониста шудааст, зеро он аз воҷибот аст, вале аз назари ҷумҳури фақеҳон онро бо мутлақи ният метавон адо кард, зеро назди онҳо аз намозҳои нофила ба шумор меравад.

4. Назди ҷумҳури фақеҳон замми сура пас аз Фотиҳа суннат аст ва дар назди машоихи ҳанафӣ дар ҳар се ракъати он аз рӯи эҳтиёт воҷиб аст.

5. Охири вақти намози витр дар мазҳаби ҳанафӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ то дамидани субҳи содиқ ва дар назди моликиҳо дар зарурат то адои намози бомдод аст.

6. Назди ҷумҳури фақеҳон гузоридани тамоми намозҳои нофила ва суннат, аз ҷумла витр бар роҳила – маркаби саворӣ ҷоиз аст, вале назди машоихи ҳанафӣ гузоридани намозҳои воҷиб, ба монанди витр, сағдаи тиловат ва он намозе, ки наздик ба воҷиб аст, ба монанди ду ракъат суннати намози бомдод, бе узр бар роҳила ҷоиз нест.[3]

7. Назди машоихи ҳанафӣ қазои витр пас аз фавт шудани вақташ воҷиб аст, назди бузургони шофеъӣ ва ҳанбалӣ мандуб аст ва дар назди моликиён он пас аз адои намози субҳ дигар қазо дошта намешавад.

8. Хондани дуои қунут назди имом Абуҳанифа (рз) пеш аз рукӯъ ва дар тамоми сол воҷиб ва дар назди соҳибайн – Абуюсуф (рз) ва Муҳаммад (рз) суннат аст. Назди машоихи моликӣ хондани дуои қунут дар намози витр дар ҳеҷ вақти сол машруъ нест ва ба қавле дар нимаи охири моҳи рамазон хондани он хуб аст ва бинобар қавли саҳеҳ дар мазҳаби шофеъӣ хондани дуои қунут танҳо дар нимаи ахири моҳи рамазон мустаҳаб аст ва ба қавле дар тамоми моҳи рамазон хонда мешавад ва ҷои он дар

[1] Саҳеҳи Муслим,763 (755)-162.

[2] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 3. – С. 321.

[3] Ҷавоз ва адами ҷавози намози витр савори роҳила ба мавқеи аимма дар бораи вуҷуб ва адами вуҷуби он бармегардад. Онҳое, ки витрро аз воҷибот медонанд, ба монанди имом Абуҳанифа (рҳ), савори роҳила гузоридани онро ҷоиз намедонанд, вале онҳое, ки онро аз навофил мешуморанд, гузоридани онро бар роҳила, ба мисли дигар навофил, ҷоиз медонанд. Роҳила – маркаби саворӣ ба ҳар тарафе ҳаракат кунад, бар хилофи қибла ҳам бошад, фарқе надорад ва намоз дуруст мешавад.

ракъати ахир пас аз рукӯъ аст. Дар мазҳаби ҳанбалӣ хондани дуои қунут дар тамоми сол суннат аст ва дар ракъати охири витр пас аз рукӯъ хонда мешавад ва пеш аз рукӯъ низ ҷоиз аст.

9. Дуои қунути маъсур, ки дар мазҳаби ҳанафӣ хондани он дар намози витр аз дигар дуоҳо авлотар аст, «Аллоҳумма, инно настаъинука...» аст, агар дуои «Аллоҳумма-ҳдинӣ фиман ҳадайта...»-ро ба он биафзояд, беҳтар ва афзал аст ва агар ба ҷои дуои аввал дуои дигаре бихонад, он низ ҷоиз аст. Дуои қунут дар мазҳаби ҳанбалӣ низ ҳамон «Аллоҳумма, инно настаъинука» бо каме дигаргунӣ дар баъзе калимоти он, «Аллоҳумма-ҳдинӣ фиман ҳадайта» ва «Аллоҳумма, иннӣ аъузу би ризока ъан сахатика...» аст.

10. Назди шофеъиён ва ҳанбалиён фасл – ҷудо кардани ду ракъати аввал аз ракъати сеюм бо салом ва нияти ракъати сеюм бо такбири таҳримаи мустақил ҷоиз аст ва дар назди моликиён ғайр аз ин макрӯҳ аст, вале дар назди шофеъиён ва ҳанбалиён васли шафъ – ду ракъати аввал бо витр – ракъати сеюм бе ҷудо сохтани онҳо бо ташаҳҳуд афзал аст.[1] Аз назари машоихи ҳанафӣ васли се ракъат ва ҷудо сохтани шафъ аз витр бо қаъда ва ташаҳҳуд воҷиб ва мутааййин аст.[2]

ҚУНУТ ВА МАСОИЛИ МУТААЛЛИҚ БА ОН

Қунут дар луғат ба чанд маъно омадааст: Ба маънои итоат ва фармонбардорӣ, ки дар ояти 116-и сураи Бақара: **«Ҳама барои Ӯ қонит – мутеъ ва фармонбардоранд»**, ба ҳамин маъност, ба маънои намоз ва фармудаи Худованд дар ояти 43-и сураи Оли Имрон: **«Эй Марям, барои Парвардигорат қунут кун – намоз бигузор ва саҷда кун ва бо рукӯъкунон ба рукӯъ бирав»**, ба ин маъност, ба маънои тӯли қиём низ омадааст, ки фармудаи паёмбари акрам (с): ***«Афзали намоз тӯли қунут – қиём аст»***,[3] ба ин маъност ва дар ояти 9-и сураи Зумар: **«Оё касе, ки дар лаҳазоти шаб саҷдакунон ва ба ҳоли қиём қонит – дар тӯли қиём аст...?»**, ба гуфтаи Ибни Умар (рз) ба ҳамин маъност. Вале дуо машҳуртарин маонии он аст ва қонит ба маънои дуогӯй аст ва дар истилоҳи шаръ ба маънои дуоест, ки дар ҷои махсусе аз намоз дар қиём хонда мешавад ва ба он дуои қунут гуфта мешавад.

Дуои қунут дар раванди такомули тадриҷии қонунгузорӣ ва бинои аҳкоми шаръ дар се маврид ва ё дар се ҷое аз намозҳо собит шудааст: 1. дар намози бомдод, 2. дар намози витр ва 3. дар ҳолати навозил – сахтиҳо ва мусибатҳо.

1. Қунут дар намози бомдод. Дар ривоятҳои зиёде ба таври саҳеҳ собит шудааст, ки расули Худо (с) ба муддати як моҳ дар намози бомдод бар чанд қабилае аз араб дуо мекард, сипас

---

[1] Назди аиммаи шофеъӣ ва ҳанбалӣ васли се ракъат намози витр – якҷоя ва ба як салом, вале бе ташаҳҳуди байн хондани он аз фасли онҳо бо ташаҳҳуд ва салом афзал аст ва ҷудо сохтани онҳо бо ташаҳҳуди байн пас аз ду ракъат ва хестан ба ракъати сеюм ҷоиз нест. Зеро дар баъзе аҳодисе, ки дар бораи намози витри паёмбари акрам (с) ривоят шудаанд, омадааст, ки онро вақте се, панҷ ва ё ҳафт ракъат мегузорид, бе қаъдаи байн ва танҳо бо як қаъда пеш аз ракъати охир мегузорид, аз ҷумла дар ҳадисе аз Оиша (рз) ривоят шуда: ***«Расули Худо (с) шабона сездаҳ ракъат намоз мегузорид (ва) бо панҷ ракъаташ онҳоро витр мегардонд, ки дар ҳеҷ чизе аз он ба ҷуз дар охираш наменишаст»*** (Саҳеҳи Муслим, 1717 (737)-123). Шофеъиён ва ҳанбалиён тамоми аҳодиси дигареро, ки дар бораи намози шаб ва витр ривоят шудаанд ва аз қаъдаи ахир пас аз ду ракъати витр дар онҳо зикре наомадааст, ба ҳадиси фавқ ҳамл кардаанд ва ғайри онро – қаъдаи байнро дар се ракъат намози витр ҷоиз надонистаанд.

Аиммаи ҳанафӣ дар ин маврид ба аҳодисе амал кардаанд, ки дар онҳо се ракъат будани намози витр ва ҷудо сохтани ракъати сеюм аз ду ракъати аввал бо қаъда ва ташаҳҳуд таъкид шудааст. Аз ҷумла дар Саҳеҳи Муслим аз Оиша (рз) дар зимни ҳадиси дарозе дар сифати намози расули Худо (с) ривоят шудааст, ки: ***«... ва дар ҳар ду ракъат намоз Аттаҳийётро мехонд...»*** (Саҳеҳи Муслим, 1110 (498)-240). Дар ҳадиси дигаре аз Уммисалама (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Пас аз ҳар ду ракъат намоз ташаҳҳуд ва салом фиристодан аст бар фиристодагони Худо ва бар бандагони солеҳи Худованд, ки аз онҳо табаият намудаанд»*** (Муъҷаму-л-кабири Табарон (869) ва Ҳайсамӣ дар Маҷмаъ (2839/2/332) онро тавсиқ намудааст ва тарричгарони мутааххир низ (2876) онро ҳадиси ҳасан ва ровиёнашро сиқа гуфтааст). Бузургони ҳанафӣ тамоми аҳодисеро, ки дар онҳо аз қаъда ва ташаҳҳуди байн дар намози витр бо сароҳат зикре нарафтааст, ба муқтазои ин ду ҳадис ҳамл намуда ва қаъда ва ташаҳҳуди байнро пас аз ҳар ду ракъат намозе, аз ҷумла пас аз ду ракъат намози витр воҷиб медонанд.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 532; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27, 34, 42; Нававӣ, Равзату-т-толибин ва умдату-л-муфтин. – Ҷ. 1. – С. 328-330. – Бейрут, 1991.

[3] Саҳеҳи Муслим, 1765-66 (756)-164-165

онро тарк кард.[1] Ҳанафиён, ҳанбалиён ва Суфёни Саврӣ аз равиши субути аҳодиси мазкур ва муддати мувозабати расули акрам (с) бар ин дуо чунин истинбот кардаанд, ки қунути он ҳазрат (с) дар намози бомдод қунути нозила буда, ба замони муайяне маҳдуд гаштааст ва ба маънои қунути ҳамешагӣ намебошад ва агар билфарзе чунин ҳам буда бошад, пас бо тарк шуданаш пас аз як моҳ аз сӯи он ҳазрат (с) ҳукми қунути доимӣ аз он мансух гаштааст, зеро тарк далели насх аст. Тамоми аҳодисе, ки дар бораи қунути расули Худо (с) дар намозҳои бомдод, пешин, аср ва шом ривоят шудаанд, аз назари ҳадисшиносӣ ба қунути нозила ихтисос доранд, на ба қунути доимӣ. Ривояти Абумолик Саъд ибни Ториқи Ашҷаъӣ аз падараш ба ин маъно далолат мекунад, он ҷо ки мефармояд: Пурсидам: *«Эй падар, ту аз пушти расули Худо (с) ва Абубакру Умару Усмон ва Алӣ дар Куфа ба муддати наздик ба панҷ сол намоз гузоридӣ, оё онҳо (дар бомдод) қунут мехонданд!? Гуфт: Эй писар, он муҳдас – баъдпайдо* ва дар ривояти Насоӣ *он бидъат аст».*[2]

Назди моликиён қунут дар бомдод мустаҳаб ва фазилат аст ва он пеш аз рукӯъ ва баъд аз он дар ракъати дуюм ҷоиз аст, вале мандуб ва афзал он аст, ки пеш аз рукӯъ ва бидуни такбир хонда шавад. Зеро дар ҳадисе аз Анас (рз) ривоят шуда, ки: Расули Худо (с) ҳамеша дар намози бомдод қунут мехонд, то он ки аз дунё даргузашт.[3]

Назди шофеъиён қунут дар фарзи намози бомдод суннати муаккада аст ва пас аз рукӯъ дар ракъати дуюм хонда мешавад. Агар онро пеш аз рукӯъ хонад, эътибор надорад, бояд онро пас аз рукӯъ иъода намояд ва саҳдаи саҳв кунад. Мухтор он аст, ки дар он дуои собитшуда аз Ҳасан ибни Алӣ (рз): «Аллоҳуммма-ҳдинӣ фиман ҳадайта»-ро хонад. Дар ривояти Байҳақӣ ибораи: «Ва ло яъиззу ман ъодайта» пеш аз «Табораква раббано ва таъолайта» ва ибораи: «Фалака-л-ҳамду ъало мо қазайта, астағфирука ва атубу илайка» пас аз он омадаанд, ки гуфтани он низ хуб ва мустаҳаб аст. Бардоштани дастон ба ҳангоми дуои қунут низ назди шофеъиён мустаҳаб аст, вале онҳоро пас аз итмоми дуо мустаҳаб нест бар рӯяш бимолад.

2. Қунут дар витр ва он бо тафсил баён гардид. Он чи дар ин ҷо зарур ба назар мерасад, ин аст, ки барои қунут гарчанде дуои маъсуре аз Ҳасан ибни Алӣ (рз): «Аллоҳумма-ҳдинӣ фиман ҳадайта» ва дуои дигаре: «Аллоҳумма, инно настаъинука» ривоят шуда ва хондани он дар витр афзал аст, вале он аз назари шореъ аз боби ҳаср набуда, балки навъи он ба худи дуогӯй мавкул шудааст, пас бояд муносибтарин дуоро ба ҳоли худ ва мусулмонон барои қунуташ баргузинад.

Аз Алӣ ибни Абутолиб (рз) ривоят шуда, ки паёмбар (с) дар намози витраш дуо мекард: ***«Аллоҳумма, иннӣ аъузу би ризока мин сахатика ва аъузу би муъофотика мин ъуқубатика ва аъузу бика минка, ло уҳсӣ саноан ъалайка, анта камо аснайта ъало нафсика»***.[4]

«Худоё, ман аз хашми Ту ба ризоят, аз уқубати Ту ба офиятат ва аз Ту ба Ту паноҳ мебарам, санои Туро бар натавонам шумурд, Ту ончунонӣ, ки бар худ сано гуфтай!».

Аз Умар (рз) ривоят шуда, ки дар қунут ин дуоро мехонд: *«Аллоҳумма-ғфир ли-л-муъминина ва-л-муъминоти ва-л-муслимина ва-л-муслимоти ва аллиф байна қулубиҳим ва аслиҳ зота байниҳим вансурҳум ъало ъадуввика ва ъадуввиҳим. Аллоҳумма-лъан кафарата аҳли-л-китоби-л-лазина юказзибуна русулака ва юқотилуна авлиёака, аллоҳумма, холиф байна калиматиҳим ва залзил ақдомаҳум ва анзил биҳим баъсака-л-лазӣ ло юрадду ъани-л-қавми-л-муҷримин. Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим, аллоҳумма, инно настаъинука...».*[5]

Тарзи хондани қунут назди ҳанбалиён ин аст, ки намозгузор дастонашро то баробари сина ба сӯи осмон барои дуо мебардорад, хоҳ имом бошад, хоҳ танҳогузор ва онро баланд – ҷаҳр ме-

[1] Ишора ба аҳодисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1002, 4089 ва Саҳеҳи Муслим,1552 (677)-304 ривоят шудаанд.

[2] Сунани Тирмизӣ, 402; Сунани Насоӣ 1080. Тирмизӣ пас аз ривояти ин ҳадис онро ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфта ва афзудааст: Назди аксари аҳли илм амал бар ин аст.

[3] Ҳадиси Анас (рз)-ро Аҳмад ва Байҳақӣ ривоят кардаанд ва Ибни Туркмонӣ онро дар ҳошияи Сунани Байҳақӣ ва Ибни Ҷавзӣ, чуноне дар Насбу-р-роя (2/132) омадааст, заъиф гуфтаанд (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 34. – С. 58).

[4] Радду-л-мухтор. – Ҷ. 2. – С. 534, 535; Асҳоби Сунани арбаа низ онро ривоят кардаанд ва Тирмизӣ пас аз ривояти он (3566) онро ҳадиси ҳасан гуфтааст.

[5] Радду-л-мухтор. – Ҷ. 2. – С. 534; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 34. – С. 68.

хонад.[1] Муқтадӣ агар садои имомро дар дуо бишнавад, омин мегӯяд ва худаш дуо намекунад, вале агар садои имомро нашунавад, дуои қунутро мехонад. Дар ривояти машҳур дар мазҳаб, ҳамон гуна ки аз худи имом Аҳмад (рҳ) нақл шуда ва аксари аимма онро ихтиёр кардаанд, пас аз фароғ аз дуо дастонашро ба рӯяш мемолад[2] ва дар ривояти дигар онҳоро ба рӯй намемолад ва ба ривояте аз Оҷурӣ – яке аз аиммаи ҳанбалӣ молидани дастҳо ба рӯй пас аз дуои қунут кароҳият дорад.[3]

3. Қунути нозила. Хондани қунут ба ҳангоми вуқуъи фоҷеа ва мусибати умумӣ ва ё нузули балои фарогире назди тамоми мазоҳиби исломӣ машрӯият дорад. Аммо назди ҳанафиён ва моликиён он танҳо дар фарзи намози бомдод пас аз рукӯъи ракъати дуюм хонда мешавад, назди шофеъиён дар тамоми намозҳои фарзӣ пас аз рукӯъ дар ракъати охир хонда мешавад ва назди ҳанбалиён низ ба ҷуз намози ҷумъа дар тамоми намозҳои фарзӣ хонда мешавад ва имом дар он дуоҳоеро мехонад, ки аз паёмбари акрам (с) ва асҳобаш ривоят шудаанд, аз ҷумла он дуоеро, ки аз халифаи дуюм Умар (рз) дар ин бора ривоят шудааст. Аммо назди онҳо дар ҳолати вуқуъи тоъун – вабо қунути нозила хонда намешавад, зеро собит нашудааст, ки касе аз мусулмонон дар тоъуни Амавос[4] қунут хонда бошад.

СУННАТҲОИ ҲАРРӮЗА

Суннатҳои ҳаррӯзае, ки барои хондани онҳо таъкид карда шуда ва онҳоро «суннатҳои муаккада» мегӯянд, иборатанд аз:

1. Ду ракъат пеш аз фарзи намози бомдод.
2. Чаҳор ракъат пеш аз фарзи намози пешин.
3. Ду ракъат баъд аз фарзи намози пешин.
4. Ду ракъат баъд аз фарзи намози шом.
5. Ду ракъат баъд аз фарзи намози хуфтан
6. Чаҳор ракъат пеш аз намози ҷумъа.[5]

[1] Бардоштани дастҳо дар дуо бо аҳодиси саҳеҳе собит шудааст. Аз Салмони Форс (рз) бо санади саҳеҳ ва ба таври марфӯъ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Парвардигори шумо боҳаёву карим аст, аз бандаи худ шармаш ҳамеояд, ки чун дастонашро ба сӯи Ӯ (ба дуо) бардорад, онҳоро тиҳӣ баргардонад»***. Ва тибқи ривоятҳои саҳеҳ саҳобагони зиёде, аз ҷумла Умар (рз), Ибни Масъуд (рз), Ибни Аббос (рз) ва дигарон ба ҳангоми дуои қунут даст ба дуо мебардоштанд.

[2] Назари муҳаддисон ва асҳоби ҷарҳу таъдил дар бораи аҳодисе, ки дар робита ба молидани дастҳо ба рӯй пас аз дуо омадаанд, гуногун мебошад. Аз Умар (рз) ривоят шуда, ки *«Расули Худо (с) вақте дастонашро ба дуо мебардошт, то онҳоро ба рӯяш намемолид, поин намекард»* (Сунани Тирмизӣ, 3386). Ибни Ҳаҷар дар Булуғу-л-маром ба заъфи ин ҳадис ишора кардааст, вале афзуда: Он ба маҷмӯи шавоҳиде, ки дорад (аҳодиси дигаре, ки дар ин бора ривоят шуда), ҳадиси ҳасан мебошад. Аммо дигарон онро бо маҷмӯи шавоҳидаш заъиф ва ғайриқобили эҳтиҷоҷ донистаанд.

[3] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 34. – С. 65.

[4] Амавос ва ё Амвос номи шаҳри қадимие дар 32 км-ии шимол-шарқи Байтулмуқаддас аст. Ҳудуди солҳои 17 ҳ. вабои сахте дар он ба вуқӯъ пайваст, ки дар таърих ба тоъуни Амавос машҳур аст ва ҳудуди 35 000 кас, аз ҷумла саҳобаи бузург Абуубайда ибни Ҷарроҳ, Муъоз ибни Ҷабал ва Язид ибни Абусуфён дар он ба шаҳодат расиданд.

[5] Чаҳор ракъат суннати пеш аз фарзи намози ҷумъа низ бо ривоятҳое аз суннати паёмбар (с) ва амали чандин нафар аз саҳоба собит шудааст, вале субути он ба дараҷаи субути чаҳор ракъат суннати баъд аз фарзи он қавӣ нест. Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) пеш аз фарзи намози ҷумъа чаҳор ракъат намоз мегузорид (ва) онҳоро аз ҳам ҷудо намесохт» (*Сунани Ибни Моҷа, 1129). Ривояти Ибни Моҷаро Ибни Ҳаҷар дар «Фатҳ» воҳӣ ва дар «Талхис» ниҳоят заъиф гуфтааст. (Туҳфату-л-Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 79).

Ҳамчунин, бо санади саҳеҳ ривоят шудааст, ки: *«Абдуллоҳ ибни Масъуд моро амр мекард, то чаҳор ракъат пеш аз фарзи намози ҷумъа ва чаҳор ракъат баъд аз он бигузорем»* (Мусаннафи Абдурраззоқ, 5525. – Ҷ. 3. – С. 112). Ибни Ҳаҷар дар Дироя, тахриҷи аҳодиси Ҳидоя ровиёни онро сиқа гуфтааст (Ҷ. 3. – С. 218. – Бейрут) ва соҳиби Силсилаи аҳодиси заъифа ва мавзуъа ривояти Қатода аз феъли Ибни Масъуд (рз)-ро дар бораи чаҳор ракъат намози пеш аз фарзи ҷумъа мавқуф ва санади ин ривояти Абдурраззоқро дар Мусаннаф саҳеҳ ва бе иллат гуфтааст. Баъзе тариҷгарони мутааххир низ мавқуфи бар саҳоба назди ҷумҳури муҳаддисон, вақте дар умуре бошад, ки раъй дар он дахолате надорад, ҳукми ҳадиси марфӯъро дорад.

Аз Нахаъӣ ривоят шудааст, ки асҳоби расули Худо (с) дӯст медоштанд пеш аз фарзи ҷумъа чаҳор ракъат намоз бигузоранд. Он гоҳ Аъмаш аз Нахаъӣ ривоят карда, ки фармуд: Ҳар чизеро гуфтам, ки дӯст медоштанд, ба ин маъност, ки бар он иҷмоъ доштанд (Ибни Раҷаби Ҳанбалӣ, Фатҳулборӣ, шарҳи саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 329, 330. – Қоҳира, 1996).

Дар Саҳеҳи Ибни Ҳиббон (2446, 2479) аз Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) ба таври марфуъ ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Ҳеҷ намози фарзе нест, магар ин ки пеш аз он ду ракъат суннат вуҷуд дорад»***. Соҳиби «Фатҳ» инро қавитарин дастовез барои исботи ду ракъат суннати пеш аз фарзи ҷумъа гуфтааст. (Фатҳу-л-борӣ шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 236. – Риёз, 2010).

Бухорӣ дар Саҳеҳи худ бобе бо номи «Боби: Намоз баъд аз (фарзи) намози ҷумъа ва пеш аз он» овардааст. Вай ҳарчанд барои субути намози пеш аз фарз ҳадисе

7. Чаҳор ракъат баъд аз намози ҷумъа.[1]

Уламо гуфтаанд бе шубҳат,
Ҳаст суннат дувоздаҳ ракъат.

Шаш ба пешин гузору ду ба саҳар,
Ду пас аз шому ду ба хуфтан дар!

Суннати холиси салавот ин аст,
Ончи ҳаст аз муаккадот ин аст.

Ғайр аз ин ҳарчи ҳаст, нофила аст,
Хоҷаи мо амири қофила аст.

Аз миёни суннатҳои зикршуда ба хондани ду ракъати пеш аз фарзи намози бомдод ва низ чаҳор ракъати пеш аз фарзи намози пешин таъ-

зикр накардааст, вале ин мавзӯъбандии ӯ бо сароҳат ба субути суннати пеш аз фарзи намози ҷумъа назди вай далолат менамояд. Ин назари Бухориро тамоми коршиносони соҳаи ҳадис эътироф менамоянд. Тирмизӣ дар Сунанаш ва Абдурраззоқ дар Мусаннафаш низ бо ин ном бобе кушодаанд, ки ба вуҷуд доштани суннати қабл аз ҷумъа аз назари онҳо далолат мекунад.

Ибни Раҷаб дар шарҳи ин боб аз Саҳеҳ овардааст, ки Бухорӣ барои намози пеш аз фарзи ҷумъа ҳадисе наовардааст ва шояд ҳадиси марфуъе, ки ба меъёрҳои ҳадисгузинии ӯ барои китоби Саҳеҳ мувофиқ буда бошад, дар ин маврид наёфтааст (Ибни Раҷаби Ҳанбалӣ, Фатҳулборӣ, шарҳи саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 329, 330) ва Ибни Ҳаҷар дар шарҳи он ба нақл аз Зайн ибни Мунир дар Ҳошия овардааст, ки мақсади Бухорӣ аз ин амал баробарӣ ва яксонии зуҳр (пешин) ва ҷумъа дар ҳукми танаффул аст, то далеле бар хилофи он далолат намояд, зеро ҷумъа дар ивази пешин аст ва гуфта: Чун эҳтимоми вай ба намози пас аз фарзи ҷумъа бештар буда, онро бар хилофи одат дар тақдими қабл бар баъд дар сарлавҳагузории худ муқаддам овардааст, зеро намози баъд аз фарзи он бо далели сареҳ собит шудааст. Ибни Ҳаҷар аз Ибни Тин низ ҳамин қавлро ривоят кардааст (Фатҳулборӣ, шарҳи саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 235).

Абудовуд ва Ибни Ҳиббон аз Нофеъ ривоят мекунанд, ки: *«Ибни Умар намозро пеш аз (фарзи) ҷумъа дароз мекард ва пас аз он ду ракъат дар хонааш мегузошт ва мегуфт, ки расули Худо (с)ин тавр мекард»* (Сунани Абудовуд, 1128; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 2467).

Илова бар ин, тамоми аиммаи ҳадис ва фиқҳ бар ин амр иттифоқи назар доранд, ки намози ҷумъа дар он рӯз ба ҷои пешин ва ҷойгузини он аст ва чун фарзи ҷумъа бо узр ва ё монеъе фавт гардад, дигар онро қазо оварда намешавад, балки ба асл – намози пешин бармегардад ва пешини он рӯз ба сурати адо ба ҷой оварда мешавад, ки ин воқеият низ ба ваҷоҳат ва қуввати гуфтаи Ибни Ҳаҷар ба нақл аз Зайн ибни Мунир дар сарсатри боло далолат мекунад ва назди бисёре аз аҳли илм субути суннати пеш аз фарзи ҷумъаро бо тасовӣ дар танаффул таъйид менамояд.

Бинобар ин, назди тамоми мазоҳиби фиқҳии аҳли сунnат бо истинод ба ривоятҳои мавҷуд дар ин боб пеш аз фарзи намози ҷумъа намози суннат вуҷуд дорад, ки назди аиммаи ҳанафӣ он чаҳор ракъат ва суннат аст, назди шофеъиён ду ракъат ва суннат аст, назди моликиён ва ҳанобила нафл аст ва ракаоташ ба ададе маҳдуд намебошад ва назди аиммаи ҳадис ба монанди Абдурраззоқ, Бухорӣ, Тирмизӣ ва дигарон низ ба ҳамон сурат машруъ аст.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мешавад, ки муҳаддисон ва фуқаҳои ҳамаи мазоҳиби фиқҳӣ аз ҳамон ибтидо таваҷҷуҳ доштанд, ки далоили собиткунандаи суннати пеш аз фарзи намози ҷумъа ба андозаи далелҳои собиткунандаи суннати пеш аз фарзи пешин қавӣ, бевосита ва аксаран билокалом нестанд. Бар ин асос, баъзе фуқаҳои ҳанафӣ миёни баъзе аҳкоми фаръии мутааллиқ ба суннати пеш аз фарзи намози ҷумъа ва суннати пеш аз фарзи пешин тафовут гузоштаанд, аз ҷумла вақте суннати пеш аз фарзи намози ҷумъа бо сабаб ё узре фавт гардад, пас аз адои фарз қазои он ба ҷой оварда намешавад, дар ҳоле ки суннати пеш аз фарзи намози пешин, агар бо сабаб ё узре фавт гардад, пас аз адои фарз то поёни вақти пешин ба сурати қазо ба ҷой оварда мешавад. Аммо дар Радд овардааст, ки чаҳор ракъати пеш аз фарзи ҷумъа дар тамоми аҳком ба манзалаи чаҳор ракъати пеш аз фарзи пешин аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 552) ва Рофеъӣ дар тақрироти худ дар ҳошияи Радд овардааст: Ва тасреҳ кардаанд, ки суннати қаблии намози пешин ва ҳамин тавр суннати қаблии намози ҷумъа пеш аз баъдӣ ё пас аз он қазо дошта меашавад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 550).

[1] Дар бораи суннати баъд аз фарзи намози ҷумъа ҳадисҳои гуногуне бо санадҳои саҳеҳ ривоят шудаанд. Дар ҳадиси боб, ки Бухорӣ онро аз Ибни Умар (937) ривоят кардааст, расули Худо (с) онро ду ракъат ва дар манзилаш гузоридааст. Дар ривояте аз Абуҳурайра омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Касе аз шумо пас аз ҷумъа намоз гузориданӣ бошад, пас чаҳор ракъат бигузорад»*** (Саҳеҳи Муслим, 2033-35 (881)-67-69, Сунани Тирмизӣ, 523). Аз Алӣ ибни Абутолиб ривоят шуда, ки пас аз фарзи ҷумъа ба ду ракъат ва пас аз он ба чаҳор ракъат намоз амр кардааст (Сунани Тирмизӣ). Бо истинод ба ин ривоятҳо дар байни муҷтаҳидон ва аиммаи дин дар бораи суннати баъд аз фарзи намози ҷумъа се нуқтаи назар вуҷуд дорад: а) он ду ракъат аст ва дар хона гузорида мешавад ва ин назари Ибни Умар, Имрон ибни Ҳусайн ва баъзе дигар аз аҳли илм аст, б) он чаҳор ракъат аст ва дар масҷид гузорида мешавад, ин назари баъзе дигар аз аҳли илм, аз ҷумла аиммаи ҳанафӣ аст, в) шаш ракъат аст, аввал ду ва пас аз он чаҳор ракъат гузорида мешавад ва назди имом Абуюсуф аз аиммаи ҳанафӣ аввал чаҳор ракъат ва пас аз он ду ракъат гузорида мешавад. Назди имом Шофеъӣ ва имом Аҳмад ду ракъат гузоридани он ҷоиз аст, вале беҳтар зиёдтар аз он аст (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 76-80).

киди бештаре шудааст.[1]

Хондани чаҳор ракъат пеш аз фарзи намози аср ва чаҳор ракъат қабл аз фарзи намози хуфтан ва низ чаҳор ракъат баъд аз фарзи хуфтан мустаҳаб аст.

Чаҳори дигар зи аср пеш гузор,
Лек инро зи мустаҳаб медор!

Чаҳор пеш аз ишову чаҳор аз пас,
Суннати панҷ вақт ин шуду бас!

[1] Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) бар чизе аз намозҳои нафлӣ ба андозаи ду ракъати (пеш аз) намози бомдод сахт таъоҳуд ва пойбандӣ надошт»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1169; Саҳеҳи Муслим, 1683 (724)-94, 1684 (…)-95; Сунани Абудовуд, 1254).

Фасли даҳум

НАМОЗҲОИ НОФИЛА

Ба ғайр аз намозҳои ҳаррӯзае, ки зикр шуд, намозҳои нафлии дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба хондани онҳо дар вақтҳои муайяне ё дар тамоми авқоти шаборӯзӣ дар шаръи муқаддас (ба ҷуз аз вақтҳое, ки хондани намоз дар онҳо манъ шуда ва қаблан ба онҳо ишора рафт) тарғибу ташвиқ шудааст. Бархе аз навофил ҳамроҳ бо вақтҳояшон, ки аз аҳамияти бештаре бархӯрдор ҳастанд, инҳоянд:

1. Намози шаб (таҳаҷҷуд)[1] ва он намозест, ки ба шаб пас аз гузаштани посе аз он гузорида мешавад ва маҷозан ба он намози солеҳон гуфта шавад.[2] Камтарин миқдори намози таҳаҷҷуд дар як таҳрима – бо як салом ду ракъат, миёнаи он чаҳор ракъат ва бештаринаш ҳашт ракъат мебошад, вале ду ракъатӣ ва чаҳорракъатӣ гузоридани он беҳтар аст. Дар ҳадисе ба дуракъатӣ гузоридани намози шаб тавсия шуда[3] ва дар ҳадиси Оиша (рз) омадааст, ки расули Худо (с) намози шабро чаҳорракъатӣ ва бинобар ривояте дар Саҳеҳи Муслим ҳаштракъатӣ мегузорид.[4] Вақти намози таҳаҷҷуд аз нисфи шаб то дамидани субҳ аст ва беҳтарин вақт барои он нимаи охири шаб аст.

Намози шаб аз ҷумлаи намозҳои нафл ва мандуб аст ва намозгузор бояд дар риояи адад, чигунагӣ ва тӯли ракъатҳои он аз равиши расули Худо (с) пайравӣ намояд. Расули Худо (с) намози шабро гоҳе чаҳор, гоҳе шаш, гоҳе ҳашт ва баъзе вақтҳо даҳ ракъат мехонд.[5] Ба ривояти Бухорӣ аз Оиша (рз) он ҳазрат (с) на дар моҳи Рамазон ва на берун аз он намози шабро аз ёздаҳ ракъат бештар намегузорид, ки ҳашт ракъати он намози шаб ва се ракъаташ намози витр буд.[6] Аз Оиша (рз) пурсида шуд, ки намози шаби расули Худо (с) чанд ракъат буд? Фармуд: *«Гоҳе ҳафт, гоҳе нуҳ ва гоҳе ёздаҳ ракъат буд»*.[7]

Тариқаи суннат он аст, ки пас аз намози хуфтан бихобад ва дар охири шаб бархоста, намози шабро ба ҷо оварад.

2. Намози чошт (зуҳо) ду, чаҳор, ҳашт ва дувоздаҳ ракъат ривоят гардидааст. Ин намоз ҳангоми чошт баъд аз ду ё дувуним соа-

---

[1] Таҳаҷҷуд назди бисёре аз забоншиносон ва фарҳангнигорон, ба монанди Ҷавҳарӣ дар «Сиҳоҳ», аз аздод аст ва дар луғат ба маънои хуфтан ба шаб ва бедор будан ба шаб ё шаб хуфтан ва шаб бедор шудан бошад. Ба салоту-л-лайл (намози шаб) таҳаҷҷуд гуфта шуда, зеро он пас аз бедор шудан ба шаб гузорида мешавад.

Бидон, ки дар (бораи) намози шаб аз он ҳазрат (с) ривоёти гуногун омада ва (онро) дар ҳар вақте ба навъе гузорида ва мутааббид (намозгузор) дар он мухайяр аст, ба ҳар навъе, ки тамассук кунад, шарафи иттибоъро дарёбад. Ва агар дар авқоти мухталифа ба ҳар навъе бароят даст диҳад, мувофиқ ва муносиб бошад, сездаҳ, ёздаҳ, нуҳ, ҳафт ва баъзе уламо панҷ низ гуфтаанд ва аз сездаҳ бештар набувад ва ин ҳама ададҳои тоқ ба чиҳати духули витр (дар он) аст. Пас ба ин тақдир, намози шаб (он чи расули Худо (с) амалан анҷом дода ва ба намози таҳаҷҷуд машҳур аст) кам аз ду ва зиёда аз даҳ нахоҳад буд ва ин намоз бар он ҳазрат (с) фарз буд. Ҳоказо дар «Шарху-л-Мишкот»-и шайх Абдулҳаққ (-и Деҳлавӣ, Ашиъъату-л-ламаъот. – Ҷ. 2. – С. 441–442. – Зоҳидон: Интишороти Форуқи Аъзам, 1389 ш.).

Асли таҳаҷҷуд ва шаббедорӣ бе таъйини муддат, бе таъйини адади ракаот ва бе таъйини қадри қироат маснуни муаккад аст ва амали он ҳазрат (с) ва саҳоба ба ҳасаби қувват, истеъдод ва нашот мухталиф буда (Муҳаммадалии Таҳонавӣ, Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни вал-улум. – Ҷ. 2, зайли моддаи «салоту-т-таҳаҷҷуд». – Бейрут: Мактабату Лубнон ноширун, 1996). Ин гуфтаҳо дар мавзӯи «Қиёми лайл» бо тафсил баён мегарданд.

[2] Зеро эшон пас аз нимашаб аз хоб бархоста, ҳашт ракъат, бо витр ёздаҳ ракъат ва ё зиёда аз он намоз мегузоранд.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 990; Саҳеҳи Муслим, 1745-48 (749)-145-48.

[4] Саҳеҳи Муслим, 1736 (746)-139.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569; Саҳеҳи Муслим, (738)-125, 126; Сунани Абудовуд, 1362; Саҳеҳи Ибни Хузайма. Ҷ. 2. – С. 192.

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569.

[7] Саҳеҳи Бухорӣ,1139. Намози шабро ҳамроҳи намози витр дар назар доштааст.

ти баромадани офтоб то пеш аз завол хонда мешавад.[1] Дар ҳадиси қудсие аз расули Худо (с) ривоят шуда, ки Худой, азза ва ҷалл фармуд: ***«Фарзанди одам, дар аввали рӯз бароям чаҳор ракъат намоз бигузор, охири онро бароят кифоя кунам!»***.[2]

3. Намоз гузоридан дар шабҳои моҳи мубораки Рамазон ва ба хусус даҳаи охир ва шаби қадри он фазилати бисёре дорад. Шаби қадр ба шаҳодати Қуръони карим (97: 3) аз ҳазор моҳ беҳтар аст.

4. Намози шукри вузӯ ва он ду ракъат намозе аст, ки баъд аз таҳорат ва ё ғусл хонда мешавад. Онро дар урфи мардум ва ба қавли баъзе фақеҳон намози шукри вузӯ мегӯянд ва он аз намозе иборат аст, ки пас аз ҳар покӣ – таҳорат ва ё ғусл гузорида мешавад. Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) ҳангоми намози бомдод аз Билол пурсид: ***«Эй Билол, ба ман бигӯ чӣ амали умедбахше дар ислом анҷом додаӣ, ки ман садои пой(афзор)-ҳоятро пешопеши худ дар ҷаннат шунидам!?*** *Гуфт: Ҳеҷ амале дар назди худ умедбахштар аз ин анҷом надодаам, ки бо ҳар покие дар соате аз шаб ва ё рӯз пок мегаштам, бо он намозе мегузоштам»*.[3]

5. Намози таҳийяи масҷид ду ракъат буда, баъд аз дохил шудан ба масҷид ва пеш аз нишастан гузорида мешавад. Пас аз вуруд ба масҷид агар ба намози фарз ва ё намози дигаре пардохт, ҳамон намоз ба ҷои таҳияи масҷид ҳам кифоя мекунад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе аз шумо дохили масҷид гардад, пеш аз он ки бинишинад, ду ракъат намоз бигузорад»*** ва дар ривояти дигар мефармояд: ***«… то ду ракъат намоз нагузорад, нанишинад!»***.[4]

Таҳияи масҷид аз назари машоихи мазҳаби ҳанафӣ суннат (-и ғайри ротиба) ва ба қавле мустаҳаб аст ва ба гуфтаи Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 2. – С. 181) ва соҳиби Туҳфаи Аҳвазӣ (Ҷ. 2. – С. 265) он бо иттифоқи аиммаи фатво мандуб аст ва пас аз вуруд ба масҷид ба ҷой оварда мешавад. Ҳамон гуна ки дар баёни фазилат ва аҳаммияти ибодатии он аҳодиси зиёде аз паёмбар (с) ривоят шуда, аҳодис ва осоре низ аз тарки он дар мавридҳое хабар додаанд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) вақте мардеро дид, ки (аз болои сари мардум) мегузашт, ба вай гуфт: ***Бинишин, ки озор додӣ*** ва ӯро ба гузоридани намозе амр накард.[5] Аз Зайд ибни Аслам низ ривоят шуда, ки асҳоби расули Худо (с) ба масҷид медаромаданд, он гоҳ берун мешуданд ва намоз (-и таҳияи масҷид)-ро намегузориданд.[6]

Ҳамон гуна ки дар ҳадиси боло омада, афзал аст, ки ду ракъат намози таҳияи масҷидро пеш аз нишастан ба ҷой оварад ва агар бинишаст, бархоста онро бигузорад, ки он бо нишастан аз вай фавт ва соқит намегардад. Аз Абузар (рз) ривоят шуда: Ба масҷид даромадам, ки паёмбар (с) дар онҷо буд. Ба ман гуфт: «***Оё намоз гузоридӣ?*** Гуфтам: не. Фармуд: ***Бархез ва ду ракъат намоз бигузор!»***.[7]

---

[1] Мутаораф дар миёни мардум дар аввали наҳор аз навофил ду намоз аст. Яке дар аввали рӯз баъд аз тулӯи офтоб ва баланд шудани он ба қадри як-ду найза ва инро намози ишроқ гӯянд, дигаре баъд аз баланд шудани офтоб миқдори рубъи осмон то пеш аз нисфуннаҳори шаръӣ ва онро намози чошт гӯянд. Дар «Тафсири Байзовӣ» оварда, ки он ҳазрат (с) намози зуҳоро гузорид ва фармуд: ***«Ин намози ишроқ аст»*** ва ин ба ҳангоми даромадани он ҳазрат (с) ба хонаи Уммиҳониъ рӯзи фатҳи Макка ва ба ҳангоми чошт буд. Гарчи дар баъзе аҳодис намози ишроқ омада, вале дар аксари аҳодис номи намози чошт (зуҳо) зикр шуда, ки ҳар ду намозро шомил мегардад. Ба сиҳҳат расида, ки паёмбари акрам (с) дар ҳар ду вақт намоз гузорида ва умматро ба он тарғиб намудааст ва зоҳир он аст, ки ин як вақт ва як намоз аст, ки вақти он аз ишроқ оғоз ва то пеш аз нисфуннаҳор имтидод меёбад, чун дар аввали вақт гузорида шавад, ба он намози ишроқ гӯянд ва чун баъдтар аз он то пеш аз нисфуннаҳор гузорида шавад, онро намози чошт хонанд.

Дар «ал-Мавоҳибу-л-ладуния» омада: Дар бораи намози чошт аҳодиси зиёде ба сиҳҳат расида, ки ба дарачаи тавотури маъноӣ мерасанд ва гуфтаанд, ки ин намози анбиёи пешин аст, чуноне дар «Мадоричу-н-нубувват» дар баёни ибодоту-н-Набӣ (с) омадааст. Дар ахбори фатҳи Макка омада, ки гузордани намози чошт аз он ҳазрат (с) доимӣ набуда, аммо намози ишроқ доимӣ ва ба таври муаккад буд (Муҳаммадалии Таҳонавӣ, Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни вал-улум. – Ҷ. 2. – Бейрут: Мактабату Лубнон ноширун, 1996).

[2] Сунани Тирмизӣ, 475.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1149; Саҳеҳи Муслим, 6274 (2458)-108.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 444, 1163; Саҳеҳи Муслим, 1651-52 (714)-69-70.

[5] Фатҳулборӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 2. – С. 181; Сунани Абудовуд, 1118; Шарҳи маони-л-осор, 2115. – Ҷ. 1. – С. 475.

[6] Мусаннафи Ибни Абушайба, 3444. – Ҷ. 2. – С. 247; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 2. – С. 265.

[7] Мусаннафи Ибни Абушайба, 3439. – Ҷ. 2. – С. 246; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 2. – С. 267.

Агар рӯзи ҷумъа дар аснои хутба хондани имом ба масҷид ворид шавад, назди аиммаи ҳанафӣ намози таҳияи масҷид аз вай соқит аст, бояд ба хутбаи имом гӯш фаро диҳад.[1] Гузоридани намози таҳияи масҷид дар вақтҳое, ки намоз дар онҳо наҳӣ шудааст – вақти баромадан, завол ва нишастани офтоб, низ ҷоиз нест. Зеро гузоридани ҳар гуна намозе дар ин вақтҳо бо аҳодиси саҳеҳ ва ба таври муаккад наҳӣ шудааст.[2]

Рӯзона агар борҳо ба масҷид ворид шавад ҳам, як бор гузоридани намози таҳия барояш кифоя аст.

6. Намози ҳоҷат ва арзи ниёз ва он вақте аст, ки банда ба ягон мушкиле дар зиндагӣ, сахтиҳои рӯзгор ва ниёзҳои динӣ ва дунявӣ рӯ ба рӯ гардад ва ё дар ҳолати ногуворе қарор гирад, ду ракъат намоз ба нияти рафъи ҳоҷат ва ҳалли мушкилоти худ бигузорад ва пас аз намоз ба даргоҳи Худованд дуо намояд. Аз ҷумла ин дуоро бихонад:

«Ло илоҳа иллаллоҳу-л-ҳалиму-л-карим, субҳоналлоҳи рабби-л-ъарши-л-ъазим, ва-л-ҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин. Асъалука мӯҷиботи раҳматика ва ъазоима мағфиратика

---

[1] Дар бораи намози таҳияи масҷид рӯзи ҷумъа дар аснои хутбаи имом дар назди бузургон ва мазҳабҳои аҳли суннат ду назар вуҷуд дорад: а) Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Молик (рҳ) дар вақти хутбаи имом сухан гуфтан ва намоз гузоридан ҷоиз нест. Нававӣ дар шарҳи Саҳеҳи Муслим ба нақл аз Қозӣ овардааст: Молик, Лайс, Абуҳанифа, Суфёни Саврӣ ва ҷумҳури салаф аз саҳоба ва тобеин гуфтаанд, ки он ду ракъатро намегузорад ва аз Умар (рз), Усмон (рз) ва Алӣ (рз) низ ин (қавл) ривоят шудааст ва ҳуҷҷати онҳо амр ба гӯш кардани (хутбаи) имом (7:204) буда, аҳодиси бобро ба ҳолати хоссе тавҷеҳ кардаанд (Саҳеҳи Муслим бо шарҳи Нававӣ. – Ҷ. 2. – С. 1086; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 52). Ибни Ҳаҷар низ дар Фатҳ овардааст: Ҷамоате, аз ҷумла Қуртубӣ гуфтааст: Қавитарин чизе, ки моликиҳо дар ин масъала ба он истинод намудаанд, амали аҳли Мадина аст, ки насл ба насл аз замони саҳоба то замони имом Молик ба онҳо расидааст, ки хондани нафл дар ҳоли хутба мутлақан мамнӯъ аст (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 52). б) Назди имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) гузоридани ду ракъат намози таҳияи масҷид рӯзи ҷумъа дар вақти хутбаи имом низ мустаҳаб аст.

Ҷонибдорони ҳар ду назари фиқҳӣ ба аҳодис ва осоре истинод варзида ва далелҳои ҷониби дигарро бо вуҷӯҳе тавҷеҳ намудаанд. Гурӯҳи аввал аз ҷумла ба ин ҳадис истидлол намудаанд, ки дар қисмати охири он омадааст: ***«… Пас агар имомро хориҷгашта (ва бар минбар) наёбад, ҳарчи бихоҳад намоз бигузорад ва агар имомро бар минбар (ва дар ҳоли хондани хутба) ёбад, бинишинад ва (ва ба хутба) гӯш диҳад, то имом ҷумъаро хатм намояд»*** (Маҷмаъу-з-завоид, 3040. – Ҷ. 2. – С. 320). Гурӯҳи дуввум ҳам ба аҳодисе, аз ҷумла ривояти Ҷобир ибни Абдуллоҳ аз расули Худо (с) истидлол варзидаанд, ки фармуд: ***«Вақте касе аз шумо (ба масҷид дар ҳоле) омад, ки имом хориҷ шуда ва ё хутба мехонад, пас ду ракъат намоз бигузорад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1166; Саҳеҳи Муслим, 2019 (875)-57).

Ҳамон гуна ки мебинем, аҳли Куфа – имом Абуҳанифа (рҳ) ва пайравонаш дар ин масъала танҳо набуда, балки он назари ҷумҳури салафро ташкил медиҳад. Онҳо намози таҳияи масҷидро бо он ҳама таъкид ва аҳодиси саҳеҳе, ки дар баёни фазилат ва аҳаммияти он омада, ба истиҳбоб ҳамл карда, ба тарки он дар вақти хутбаи рӯзи ҷумъа ва амал ба ҳукми мутлақи оят (7: 204) дар бораи гӯш кардан ва хомӯш истодан назар додаанд. Вале баъзе бузургони ислом, ба монанди имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва дигар муҳаддисони бузург бо такя бар аҳодисе, ки ба гузоридани намози таҳияи масҷид дар аснои хутбаи рӯзи ҷумъа иршод намудаанд, онро дар вақти хутба низ мустаҳаб донистаанд.

Сухан гуфтан дар вақти хутбаи имом дар назди тамоми аҳли илм макрӯҳ аст ва бар асоси ҳадиси боб (Саҳеҳи Бухорӣ, 934; Саҳеҳи Муслим, 1962-65 (851)-11-12) ҳатто агар ба ҳамроҳаш бигӯяд: ***хомӯш бош!***, сухани лағв – беҳуда гуфта ва кори нохубе кардааст. Зеро Худованд (7: 204) ба таври мутлақ ба гӯш кардан ва хомӯш истодан амр кардааст. Пас вақте кори мункар ва ҳаракати беҷоеро бинад, бояд онро бо ишора инкор кунад.

Ҷавоби салом, ташмити атсазан ва дуруду салом бар расули Худо (с) ҳангоми қироат шудани ояти дуруд (33: 56) аз сӯи хатиб низ бо забон дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) макрӯҳ аст ва бояд бо дил анҷом дода шаванд. Яъне аксари он чи ки дар намоз аз онҳо бояд иҷтиноб шавад, дар аснои хутба ҳам бояд аз онҳо худдорӣ шавад. Вале баъзе аҳли илм – имом Аҳмад (рҳ), Исҳоқ (рҳ) ва ҳамин тавр имом Абуюсуф (рҳ) ҷавоби ин се мавридро иҷозат додаанд, зеро онҳо низ фарз мебошанд.

Ривоят шудааст: «Паёмбар (с) рӯзи ҷумъае хутба мехонд, ки марди бадавие аз ҷой бархост ва гуфт: Эй расули Худо, молҳо ҳалок гаштанд ва аҳлу аёл гурусна монданд, Худоро бароямон дуо кун!...» (Саҳеҳи Бухорӣ, 933; Саҳеҳи Муслим, 2075-79 (897)-8-12). Аз ин ҳадис бармеояд, ки арзи ниёз ва дуо хостан дар аснои хутба ҷоиз ва дуо дар он ҳолат ба иҷобат наздик аст.

[2] Дар бораи намози таҳияи масҷид дар вақтҳои наҳӣшуда низ дар байни мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат ду назар вуҷуд дорад, зеро аҳодиси ривоятшуда дар ҳар ду маврид бар умум далолат мекунанд. Бузургони мазҳаби ҳанафӣ ва моликӣ ба умуми аҳодиси наҳӣ амал карда, ҳеҷ гуна намозеро дар он вақтҳо ҷоиз надонистаанд ва машоихи мазҳаби шофеъӣ ба умуми аҳодиси амр амал карда, аҳодиси наҳӣро хос гирифтаанд. Ба ин маъно, ки ҳар вақте шахс вориди масҷид гардад, барояш мустаҳаб аст, ки намози таҳияи масҷидро бигузорад (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 2. – С. 181; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 2. – С. 266).

ва-л-ғанимата мин кулли биррин ва-с-саломата мин кулли исмин. Ло тадаъ лī занбан илло ғафартаху ва ло ҳамман илло фаррағтаху ва ло ҳоҷатан ҳия лака ризан илло қазайтаҳо, ё арҳама-р-роҳимин».

«Ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Худованди ҳалиму карим вуҷуд надорад, пок аст Худованд, ки соҳиби Арши бузург аст ва ҳамду ситоиш ҳама барои Худо, Парвардигори ҷаҳониён аст. Худоё! Мӯҷиботи раҳмат, ҳатмиёти мағфират, баҳрамандī аз ҳар некī ва саломатī аз ҳар гуноҳеро аз Ту хоҳонам.

Ҳеҷ гуноҳеро аз ман нагузор, магар ин ки мавриди мағфирати хеш қарор деҳ ва ҳеҷ сахтī ва андӯҳеро фурӯ нагузор, магар онро бартараф гардон ва ҳеҷ ниёз ва ҳоҷатеро, ки ризои Ту дар он бошад, боқī нагузор, магар онро бароварда соз, эй аз ҳама раҳмкунандатарин!». [1]

Аз Усмон ибни Ҳунайф (рз) ривоят шуда, ки марди нобиное назди паёмбар (с) омад ва гуфт: Худойро дуо кун, то маро офият бахшад! Фармуд: ***«Агар хоҳī, дуо кунам ва агар ҳам хоҳī, сабр намо, ки он бароят беҳтар аст»***. Гуфт: Дуо кун! Он гоҳ ба вай амр кард, ки вузӯ гирад ва вузӯашро неку кунад ва бо ин дуо (Худоро) дуо кунад: ***«Аллоҳумма, иннī асъалука ва атаваҷҷаҳу илайка бинабиййика Муҳаммадин, набиййи-р-раҳмати, иннī таваҷҷаҳту бика ило Раббī фī ҳоҷатī ҳозиҳи литуқзо лī. Аллоҳумма, фашаффиъҳу фийя»***.

«Худоё, аз Ту масъалат дорам ва бо паёмбарат (ҳазрати) Муҳаммад, ки паёмбари раҳмат аст, ба Ту рӯй меоварам. Эй Муҳаммад, ман дар ин ҳоҷатам бо ту ба сӯи Парвардгорам рӯй овардам, то бароям бароварда шавад! Худоё, пас ӯро дар (ҳаққи) ман шафеъ гардон!»[2]

7. Намози истихора[3] ва он вақте аст, ки бандаи мусулмон иродаи коре намояд, аз Худованди мутаъол хайри онро талаб намояд ва барои равшан шудани ҷанбаҳои мусбат ва уфуққои оғоз кардани он дар дилаш ба даргоҳи Парвардигори маннон дуо намояд. Ҳамин чашмдӯзии банда ба хайри кори қасднамудааш ва ба ҳамин оҳанг дуо намудани ӯро истихора мегӯянд. Дар суханони паёмбари акрам (с) ба ин амр зиёд тавсия шудааст.

Тарзи гузоридани намози истихора ин аст, ки аввал ду ракъат намози нафл бихонад, он гоҳ рӯи дили худро ба сӯи Парвардигор намуда, ин дуоро бихонад:

«Аллоҳумма, иннī астахирука биъилмика ва астақдирука биқудратика ва асъалука мин фазлика-л-ъазим. Фаиннака тақдиру ва ло ақдир ва таъламу ва ло аълам ва анта ъаллому-л-ғуйюб.

Аллоҳумма, ин кунта таъламу анна ҳоза-л-амра хайрун лī фī динī ва маошī ва ъоқибати амрī, фақдурҳу лī ва яссирҳу лī, сумма борик лī фиҳī ва ин кунта таъламу анна ҳоза-л-амра шаррун лī фī динī ва маъошī ва ъоқибати амрī, фасрифҳу ъаннī васрифнī ъанҳу вақдур лия-л-хайра ҳайсу кона, сумма арзинī биҳī».

Аз Ҷобир (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) истихора дар тамоми корҳоро, ба мо меомӯхт, чунон ки сурае аз Қуръонро[4] ва мефармуд: ***«Ҳар гоҳ касе аз шуморо амре муҳим пеш ояд/ ё қасди коре кунад,, пас ду ракъат намоз ғайри намози фариза бигузорад, он гоҳ ин дуоро бихонад!:***

«Худоё! Ман ба илми Ту аз Ту талаби хайр мекунам ва ба қудрати Ту аз Ту талаби қудрат ва тавоноī мекунам ва аз Ту эҳсони бузургтарро мехоҳам. Албатта, Ту тавоноī ва ман нотавон ва Ту медонī ва ман намедонам ва Ту ба яқин, донандаи ғайбҳо ҳастī.

Худоё! Агар медонī, ки ин кор (ва кори иродакарда – ҳоҷаташро ном барад) барои ман дар дину дунё ва саранҷоми корам хайру нек аст, пас қудрати анҷоми онро бароям фароҳам овар ва онро бароям осон бигардон, си-

---

[1] Сунани Тирмизī, 479; Сунани Ибни Моҷа, 1384.

[2] Сунани Тирмизī, 3578; Сунани Ибни Моҷа, 1385.

[3] Истихора дар луғат ба маънои талаби хайр, некуī ҷустан, хостани беҳтарини ду амр ва талаби некī кардан аз Худо аст. Намози истихора таркиби изофī ва он намозе аст ду ракъат барои талаби рӯшан шудани ваҷҳи хайри коре аз Худо. Истихора дар корҳое, ки вуҷуди онҳо нодир ва ҳусулашон барои шахс муҳим аст, анҷом дода мешавад, ба монанди сафар, иморат, тиҷорат, никоҳ ва умуре бо арзиш, ки анҷом додани он барои банда мубоҳ буда ва дар хайрият ва шаррияти он тардид ва тараддуд (дудилагī) дошта бошад, на дар корҳои барои инсон муқаррарī, ба монанди хӯрдан, хобидан ва корҳои дигаре, ки маъмулан аз рӯи одат анҷом дода мешаванд.

[4] Паёмбар (с) дуо ва намози истихораро ба саҳобаи киром ба мисли сурае аз Қуръон таълим медод ва мегуфт: ***«Вақте касе аз шумо қасди коре кунад, ...».***

пас дар он кор бароям баракат бидеҳ ва агар медонӣ, ки ин кор барои ман дар дину дунё ва саранҷоми корам бад ва ногувор аст, пас он корро аз ман ва маро аз он бозгардон ва хайру некиро бароям дар ҳар куҷо ва ба ҳар сурате ки бошад, фароҳам овар!. Он гоҳ маро аз дастёбӣ ба он амр орому хушнуд бигардон!».[1]

Баъд аз он болои рахти хоби покизае рӯ ба қибла бихобад ва вақте аз хоб бархост, ҳар чизе, ки дар дилаш мушаххас гардад ва қалбаш ба он бештар моил ва кушода бошад (кардан ё накардан), анҷом додани ҳамон беҳтар аст.

Агар дар навбати аввал дилаш ба чизе гувоҳӣ надод, бори дуюм, сеюм ва то ҳафт навбат ин корро такрор намояд.

8. Намози тавба ва он ин аст, ки вақте банда амали хилоф ва маъсияте содир намояд, барои талаби омурзиш аз Парвардгор ва ҷалби лутфу раҳмати Ӯ ду ракъат намоз бигузорад. Дар пешгоҳи Парвардгор ба саҷда афтода, аз кардаи худ пушаймон шавад, он гоҳ бо талаби истиғфор ва омурзиши гуноҳонаш аз Худованд иродаи муҳкам намояд, ки дар оянда ин корро ҳаргиз анҷом надиҳад, ба фазлу раҳмати Парвардигораш умед бандад, ки гуноҳаш бахшида мегардад.

9. Намози сафар ва он ин аст, ки ҳангоми ба сафар баромадан ва ё баргаштан аз он ду ракъат намоз бигузорад.

Ин намозҳо ва ғайри инҳо, ки дар ҷои худ зикр мегарданд, мустаҳаб мебошанд.

ҚИЁМИ ЛАЙЛ

Вожаҳои қиёми лайл – барпо доштани шаб ва эҳёи лайл – зинда доштани он ва ё шабзиндадорӣ дар луғат ва дар истилоҳи фиқҳ ҳар ду барои ифодаи як маъно – барпо доштани посе аз шаб бо зикру дуо ва ибодату истиғфор ба кор рафтаанд. Таҳаҷҷуд аз он ду хостар буда, маънои бедор шудан барои ибодат пас аз андаке хобро дорад,[2] вале он ҳам назди аксари фақеҳон ба таври умумӣ ба маънои қиёми лайл ва шабзиндадорӣ корбурд шудааст. Қиёми лайл ва ё таҳаҷҷуд бо Қуръон, суннат ва иҷмоъи уммат собит шуда ва аз ҷумлаи навофил, қурбатҳои ҷавонмардона, ибодатҳои ихтиёрӣ ва мустаҳабботи муаккад ба шумор мераванд, зеро илова бар мувозабати расули Худо (с) бар он, аксари саҳобаи киром ва бузургони дин ба он амал кардаанд.

Қуръони карим дар оятҳои аввали сураи Муззаммил – яке аз нахустин сураҳои маккӣ фалсафа, ҳадаф ва раванди машруияти қиёми лайлро баён намудааст. Ин назми ибодатӣ барои тақвияти зарфиятҳои равонӣ, такомули ҷавҳари шахсият ва ба вуҷуд овардани таҳдоби устувори имонӣ дар ботини муъминони садри ислом, ба хусус дар шахси ҷаноби паёмбар (с) пешбинӣ ва нахуст ба сурати илзомӣ ва аз рӯи вуҷуб ба он супориш шуда буд ва қисматҳои дарозе аз шаб – нисф, камтар аз нисф ва ё бештар аз онро фаро мегирифт. Намози шаб (қиёми лайл) бино ба фармудаи Қуръон (73: 6) барои эҷоди чунин пойгоҳе дар ботини инсон ва ҳамин тавр муассир сохтани сухан ва шахсияти вай дар ҷомеа василаи корсозе ба шумор меравад. Ва чун натоиҷи он дар захоири нафсонӣ ва макнуноти имонии нахустин ҷамоаи мусулмонон ҳосил гардид, Худованд бо назардошти ҳолатҳои беморӣ, машоғили рӯзона ва анҷоми дигар таколифи динӣ ба василаи мусулмонон дар он тахфиф ба вуҷуд овард ва анҷом ва ҳамин тавр миқдори онро ба ирода ва тобу тавони ҷисмонии онҳо марбут намуд.

Худованд пас аз таъкид ба барпо доштани намозҳои шаборӯзӣ ва машҳуд будани намоз (Қуръон)-и бомдод дар ояти 79 сураи Исро – яке аз сураҳои маданӣ низ ҳадаф ва фалсафаи намози шабро бори дигар таъкид намуда, хитоб ба паёмбари акрам (с) мефармояд: **«Ва (қисмате) аз шабро бо** (намози) **нофила** (илова)**-е барои худ таҳаҷҷуд** (эҳё ва бедорӣ) **намо, ки Парвардигорат туро ба мақоми ситудае мабъус намояд!»**.

Гарчанде дар ин оят ва ҳамин тавр оятҳои аввали сураи Муззаммил (73: 1-8) рӯи хитоб ба сӯи паёмбари акрам (с) равона гардидааст, вале

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1162, 6382, 7390; Сунани Абудовуд, 1538; Сунани Тирмизӣ, 480; Сунани Насоӣ, 3253; Сунани Ибни Моҷа, 1383.

[2] Таҳаҷҷуд ба маънои хоссаш аз қиёми лайл дар ду чиз фарқ мекунад, а) бедор шудан пас аз андаке хоб, б) танҳо ба ибодат – намоз машғул шудан, дар сурате ки дар қиёми лайл хоб нокарда ҳам метавонад ҳамчунон ба шабзиндадорӣ пардозад ва дар он ба зикру дуо, истиғфор, тиловати Қуръон ва ғ. низ машғул шавад.

аз он чи дар ояти охири сураи Муззаммил (73: 20) ва дигар оятҳои нозир бар ин маъно[1] ва ё ривоятҳои суннат дар бораи намози шаб омадааст, ба хубӣ бармеояд, ки он барои дигар муъминон низ тавсия шудааст ва бино ба фармудаи Қуръон: **«Воқеан ҳам, барои шумо дар расули Худо намуна ва иқтидои писандидае аст»,**[2] дар сохтани ҷавҳари шахсият ва такомули зарфиятҳои рӯҳонии худ бояд аз вай дар ин кор пайравӣ намоянд. Аз ин рӯ, ба гуфтаи соҳиби «Радд» баъзе машоихи аҳноф бар суннат будани он қоиланд.[3]

Қиёми шабро мустаҳаб аст, ки бо ду ракъати сабук оғоз намояд, пас аз он ду ракъати дароз ва пас аз он ду ракъати каме кӯтоҳтар гузорад ва дар охир бо ду ракъати боз ҳам кӯтоҳтар ба поён расонад. Болотарин ҳадди он назди аиммаи ҳанафӣ бо истинод ба ҳадиси Оиша (рз)[4] ҳашт ракъат ва дар мазҳаби моликӣ даҳ ракъат аст ва назди пешвоёни шофеъӣ ва ҳанбалӣ дар ададди ракаоти он ҳеҷ гуна ҳасру ҳадде вуҷуд надорад, зеро намоз беҳтарин ибодат аст ва расули Худо (с) мефармояд: ***«Намоз беҳтарин мавзӯъ (тарҳи пешбинишуда) аст, пас касе битавонад онро бештар ба ҷой оварад, бештар намоз гузорад».***[5]

Тибқи тавсияҳои дини мубини ислом шабзиндадор бояд ба андозае қиём намояд, ки ба мудовамат ва анҷоми пайвастаи он қодир бошад ва аз тобу тавонаш берун набошад, то замоне аз шиддати заъфу хастагӣ маҷбур ба тарки он нашавад.[6] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Маҳбубтарини амалҳо ба сӯи Худо давомноктарини онҳост, ҳарчанд кам ҳам бошад»***[7] ва аз Оиша (рз) ривоят шуда, ки ***«Вақте паёмбар (с) намозе мегузошт, бар он мудовамат мекард»***.[8] Бар ҳамин асос тарки қиёми лайл барои касе, ки ба он одат дошта бошад, бе узр макрӯҳ аст. Расули Худо (с) ба Абдуллоҳ ибни Амр (рз) тавсия кард: ***«Эй Абдуллоҳ, мисли фалонӣ набош, ки шабҳо қиём мекард, пас қиёми шабро тарк намуд!»***.[9]

Намози шаб пас аз намозҳои фарз ва сунатҳои муаккада беҳтарин ва боарзиштарин намоз ба шумор меравад ва илова бар оёте, ки дар васфи он нозил шуда, дар ривоятҳои суннат низ ба фазли он ишора шудааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Беҳтарин намоз пас аз фариза намози шаб аст*** дар ривояти дигар: ***Беҳтарин намоз пас аз намози фариза намоз дар дили шаб аст»***.[10] Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Қиёми шабро бар худ лозим доред, ки он одати солеҳони пеш аз шумо буд ва он қурбате барои шумо назди Парвардигоратон, каффорати саййиот ва боздоранда аз гуноҳ аст»***.[11]

Аз сӯи дигар, расули Худо (с) хоберо, ки тамоми шабро то субҳ фаро гирад, ба гунае мазаммат карда, аҳли хонавода ва ёронашро ба баҳра ҷустан аз дуову истиғфор ва ибодат дар дили шаб тавсия ва тарғиб намудааст. Ривоят шуда, ки назди он ҳазрат (с) аз марде ёд шуд, ки шаб то ба субҳ хобида ва ба намоз барнахостааст. Фармуд: ***«Вай мардест, ки шайтон дар***

---

[1] Қуръони карим дар ояти 64-уми сураи Фурқон дар баёни сифоти неки бандагони Худои Раҳмон мефармояд: **«Ва касоне, ки шабро барои Парвардгорашон саҷдакунон ва дар ҳоли қиём мегузаронанд»**, дар ояти 16-уми сураи Саҷда дар баёни ҳоли муъминони воқеӣ мефармояд: **«Ва паҳлӯҳояшон аз бистарҳо канора мегиранд, дар ҳоле ки Парвардгори худро бо хавфу тамаъ мехонанд»** ва дар ояти 9-уми сураи Зумар дар баёни мартабаи олии муъминони шабзиндадор ва тафовути онҳо аз дигарон мефармояд: **«Оё он касе, ки лаҳзаҳои шаб дар ҳоли саҷда ва қиём машғули ибодат аст, дар ҳоле ки аз охират бим ва ба раҳмати Парвардигораш умед дорад ...»** ва дигар оятҳое, ки ба ин маъно нозиранд.

[2] Сураи Аҳзоб, 33: 21.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 567, ба нақл аз Ҳиля.

[4] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар бораи намози шаби расули Худо (с) аз Оиша (рз) ривоят шудааст (Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569; Шарҳи маъони-л-осор, 1641. – Ҷ. 1. – С. 366-367.

[5] Маҷмаъу-з-завоид, 3505. – Ҷ. 2. – С. 428. Ҳайсамӣ дар бораи он мегӯяд: Онро Табаронӣ дар Авсат (243) ривоят карда ва дар силсилаи санадаш Абдулмунъим ибни Башир вуҷуд дорад, ки (аз назари коршиносони соҳа) заъиф аст.

[6] Расули Худо (с) мефармояд: ***Аз амалҳо ба андозаи тавони худ анҷом диҳед, ки Худо (аз пазириш ва додани савоби он) хаста намешавад, вале ин шумо ҳастед, ки хаста мешавед!*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1970). Дар бораи наҳӣ аз ташаддуд дар ибодат ва сахтгирӣ бар худ низ ҳадисҳое, аз ҷумла дар Саҳеҳи Бухорӣ (1150, 1151), ривоят шудааст.

[7] Саҳеҳи Бухорӣ, 6464; Саҳеҳи Муслим, 7053 (2818)-78.

[8] Саҳеҳи Бухорӣ, 1970.

[9] Саҳеҳи Бухорӣ, 1144, 3270; Саҳеҳи Муслим, 2725 (1159)-185.

[10] Саҳеҳи Муслим, 2747-48 (1163)-202-203.

[11] Мустадраки Ҳоким, 1197. – Ҷ. 1; Саҳеҳи Ибни Хузайма, 1135; Сунани Тирмизӣ, 3543; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 34. – С. 119. Барои ҳадис шавоҳиде аз Билол, Абудардо, Салмон ва Ҷобир вуҷуд доранд ва бо маҷмӯи шавоҳидаш саҳеҳ аст.

гӯшҳо ва ё гӯшаш бавл (пешоб) кардааст».[1] Алӣ ибни Абутолиб мефармояд: «Паёмбар (с) шабе ба назди ӯ ва Фотима омад ва гуфт: ***Оё намоз намегузоред!?*** Гуфтам: Эй расули Худо (с), ҷонҳои мо ба дасти Худост, вақте хоҳад моро бархезонад, моро бармехезонад. Вақте ин суханро гуфтам, расули Худо (с) баргашт ва ӯро дар ҳоле ки пушт бар мо равон буд ва даст бар рон мезад, шунидам, ки меуфт: **«Ва инсон аз ҳама чиз пурҷадалтар буда»** (Сураи Каҳф, 18:54).[2] Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Шайтон бар қофия (пушт)-и сари ҳар яке аз шумо, вақте бихобад, се гирех мезанад ва шаби дароз бар ту бо ҳар гирехе менавозад, ки шаб дароз аст, бихоб! Вақте бедор шавад ва зикри Худо намояд, яке аз он гирехҳо боз гардад ва чун вузӯ гирад, ду гирех боз гардад ва вақте (бархоста) намоз бигузорад, он гирехҳо (ҳама) бозгарданд. Пас аз он бонашоту хуштабъ гардад, вагарна субҳ баднафс (хиратабъ) ва танбалу нохуш бархезад»***.[3]

Назди ҷумҳури аиммаи аҳли суннат бо ҷамоат гузоридани намози қиёми шаб ва дигар намозҳои нафлӣ ҷоиз аст, ҳамон гуна ки танҳо гузоридани онҳо низ ҷоиз аст, зеро расули Худо (с) ҳар дуро анҷом додааст.[4] Назди машоихи ҳанафӣ бо ҷамоат гузоридани намозҳои нофила, ба мисли намози шаб ва ғ., агар ба ваҷҳи тадоъӣ – рақобат ва даъват ба он бошад, макрӯҳи танзеҳӣ – хилофи авло аст[5] ва назди аиммаи моликӣ низ бо қайди бисёр шудани ҷамоат ва машҳур будани мавзеи баргузорӣ кароҳият дорад. Зеро дар он ҳолат дар он хавфи риё пеш меояд ва тибқи фармудаи расули Худо (с) барои ин намозҳо кунҷи хона ва танҳоӣ беҳтар аст.[6] Аммо ҷамъ омадан дар масҷид барои баргузории қиёми лайл, ба ҷуз намози таровеҳ дар моҳи Рамазон, назди аиммаи ҳанафӣ ва шофеъӣ кароҳият дорад ва назди аиммаи ҳанбалӣ ҷоиз аст.[7]

Қиёми лайл дар моҳи Рамазон бо иттифоқи ҳамаи аимма суннат аст ва намози таровеҳ ҳамон қиёми лайли моҳи рамазон мебошад, бинобар ин, афзал аст, ки он посе аз шабро дар бар гирад. Назди аиммаи ҳанафӣ ва ҳанбалӣ қиёми шабҳои даҳаи аввали моҳи зулҳиҷҷа ва шабҳои иди Фитр (Рамазон) ва Азҳо (Қурбон) низ мустаҳаб аст.

Қиёми шаб танҳо ба гузоридани намоз маҳдуд набуда, балки дар он зикр, тиловати Қуръ-

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1144; Саҳеҳи Муслим, 1814 (774)-205.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1127, 4724; Саҳеҳи Муслим, 1815 (775)-206.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1142, 3269; Саҳеҳи Муслим, 1816 (776)-207. Аз ин ҳадиси шариф бармеояд, ки шайтон дар вазъи ҷисмонӣ ва ҳолатҳои равонии инсон вақте мехобад, ба гунае таъсир мегузорад ва осори он ба сурати касолати ҷисмӣ, хиратабъӣ ва эҳсоси нохушӣ пас аз хоб дар одамӣ зуҳур мекунанд.

[4] Гарчанде паёмбари акрам (с) аксари намози нафлашро ба сурати танҳогузор анҷом дода, вале гоҳе онро бо ҷамоат низ баргузор намудааст, аз ҷумла боре бо Ҳузайфа (рз), боре бо Ибни Аббос (рз) ва боре бо Анас (рз) ва модараш нафлро бо ҷамоат хондааст. Ҳарчанд ин мавридҳо истисноӣ ва хос ҳастанд, вале бар ҷавози он (бо ҷамоат хондани намози нофила) далолат мекунанд ва машоихи ҳанафӣ ҳам дар назари дуюмашон (поварақии баъдӣ) онро дар мавридҳои хос ва гаҳ-гоҳе ҷоиз медонанд.

[5] Шоёни зикр аст, ки дар байни машоихи аҳноф дар масъалаи ҷамоат дар намозҳои нофила ду нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки яке дар матн баён гардид ва дигараш он аст, ки соҳиби Радд (Ибни Обидин) баён намудааст. Вай ба нақл аз Хулоса овардааст, ки ҷамоат дар навофил макрӯҳ нест. Дар Ҳиля ин назарро бо ривояте, ки Абуҷаъфари Таҳовӣ аз Мисвар ибни Махрама овардааст, таъйид намудааст, он ҷо ки мефармояд: Абубакр (рз)-ро шабона дафн кардем, пас Умар (рз) гуфт: Ман намози витрамро нахондаам. Он гоҳ аз қафояш саф бастем ва се ракъат намоз бо як салом дар охираш гузорид (Шарҳи маъони-л-осор, 1700. – Ҷ. 1. – С. 381; Мусаннафи Ибни Абушайба. – Ҷ. 2. – С. 293). Пас аз он (соҳиби Ҳиля) мегӯяд: Ва мумкин аст гуфта шавад, зоҳир он аст, ки ҷамоат дар намозҳои нафл ғайри мустаҳаб аст, пас агар аҳёнан бошад, ҳамон гуна ки Умар кард, мубоҳ аст ва кароҳияте надорад ва агар ба тариқи мудовамат бошад, бидъати макрӯҳа аст. Гӯям (соҳиби Радд): Ин назарро он қавле, ки дар Бадоеъ дар ин бора омадааст, таъйид мекунад: Ҷамоат дар намозҳои нофила суннат нест, магар дар қиёми Рамазон (намози таровеҳ). Пас нафйи суннат будан мусталзими кароҳият намебошад, магар ин ки бо мудовамат бошад, ки дар он сурат бидъат аст ва кароҳият дорад. Зеро он дар суннат собит нашудааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 604). Ин таҳқиқи соҳиби Радд наздикии назари аҳнофро дар ин масъала бо назари ҷумҳур собит месозад.

Пас бо ҷамоат гузоридани намозҳои нофила дар шаб, агар ба ваҷҳи тадоъӣ набошад, дар моҳи Рамазон ва ғайри он кароҳияте надорад ва воҷиб аст, ки имом онро ҷаҳр бихонад ва витр низ дар ғайри Рамазон ҳамин ҳукмро дорад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 306).

[6] Ишора ба ҳадисе аст, ки Саҳеҳи Бухорӣ, 731, 6113, 7290; Саҳеҳи Муслим, 1822 (781)-213 дар ин бора ривоят шудааст.

[7] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 2. С. 233. Ба ҳамон тафсиле, ки дар поварақии ин мавзӯъ аз соҳиби Радд омадааст.

он, дуову истиғфор ва ҳатто омӯзиши ҳадис ва фиқҳ ва ҳар амали ибодатии дигаре, ки ба хулус, тақвияти маънавиёт ва табаттули банда биафзояд, ҷоиз аст. Аз Усмон ибни Аффон (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Касе намози хуфтанро дар ҷамоат бигузорад, ба мисли ин аст, ки ниме аз шабро қиём карда ва касе намози бомдодро дар ҷамоат бигузорад, ба мисли ин аст, ки тамоми шабро қиём кардааст»***.[1] Дар Қуръони карим ба чанд намунае аз ин амалҳо: тиловати бо тартили Қуръон (73:4), намози шаб (73:6), зикри Худо (73:8) ва истиғфор (3:17) ишора шудааст.

Беҳтар аст дар дили шаб ва ё нимаи охири шаб қиём намояд, ки Худо ва паёмбар (с) қиём дар ин вақт ва қиёмкунандагон дар онро ситудаанд. Худованд мефармояд: **«Ва истиғфоркунандагони дар саҳаргоҳон»**[2] ва паёмбари акрам (с) дар ҳадисе мефармояд: ***«Парвардигорамон ҳар шаб дар сулси охири шаб ба осмони дунё меояд (ва) мегӯяд: Кӣ маро мехонад (дуо менамояд), то ӯро иҷобат намоям, кӣ аз ман суол менамояд, то барояш ато намоям ва кӣ аз ман истиғфор (омурзиш) мехоҳад, то барояш мағфират намоям!»***.[3]

Дар ривояте аз Оиша (рз) омадааст, ки расули Худо (с) намози шабро бо ду ракъати сабук шуруъ мекард[4] ва дар ривояти дигаре аз ӯ омадааст, ки намози шаби расули Худо (с) на дар Рамазон ва на дар ғайри он аз ёздаҳ ракъат бештар набуд, ки аввал чаҳор ракъат, боз чаҳор ракъат ва дар охир се ракъат мегузорид.[5] Дар ривояти дигаре аз ӯ омадааст, ки намози шаби расули Худо (с) сездаҳ ракъат буд.[6] Дар ривояти Ибни Аббос (рз)[7] ва Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ[8] низ намози шаби расули Худо (с) сездаҳ ракъат ва дуракъатӣ гуфта шудааст. Тибқи ин ривоятҳои феълии суннат расули Худо (с) намози қиёми лайлро бо се ракъати намози витр гоҳе ёздаҳ ва гоҳе сездаҳ ракъат ва онро гоҳе дуракъатӣ ва гоҳе чаҳорракъатӣ гузоридааст.[9]

Дар аҳодиси қавлӣ аз расули Худо (с) барои ракъатҳои намози шаб адади муайяне зикр нашудааст. Аз Рабеа ибни Каъби Аслами ривоят шуда, ки фармуд: Шабҳо ҳамроҳи расули

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 1489. Маънои ҳадис ин аст, ки касе натавонад барои намози қиёми шаб бархезад, пас бикӯшад намозҳои хуфтан ва бомдодро бо ҷамоат баргузор намояд ва бо ҳамин савоби қиёми шабро дармеёбад. Ифодаи дигари ҳадис он аст, ки намози қиёми шабро набояд ба андозае тӯлонӣ ва ба сурати хастакунанда анҷом диҳад, ки ӯро аз адои намозҳои хуфтан ва бомдод бо ҷамоат маҳрум созад.

[2] Сураи Оли Имрон, 3: 17. Қуръони карим дар ин оят ва ояти қабл аз он чанд сифате аз камолоти маънавӣ ва сифоти ситудаи бандагони нек ва муъминони мақбули даргоҳи Ҳақ таъолоро баён доштааст.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1145, 6321, 7494; Саҳеҳи Муслим, 1769-74 (758)-168-172.

[4] Саҳеҳи Муслим, 1803 (767)-197. Оиша (рз) мефармояд: ***«Расули Худо (с) вақте шабона барои гузоридани намоз мехест, намозашро бо ду ракъати сабук ифтитоҳ мекард»***. Аз Абуҳурайра (рз) низ ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Вақте касе аз шумо шабона (барои намоз) бархост, намозашро бо ду ракъати сабук сар кунад»*** (Саҳеҳи Муслим, 1804 (768)-198).

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1147; Саҳеҳи Муслим, 1720 (738)-125. Ишора ба ҳадисе аст, ки Бухорӣ онро аз Оиша (рз) дар китоби Таҳаҷҷуд, боби қиёми лайли паёмбар (с) дар Рамазон ва ғайри он ва Муслим дар боби намози шаб ва адади ракъатҳои намози паёмбар (с) дар шаб ривоят кардаанд. Аз ӯ дар бораи дуракъатӣ будани намози шаби расули Худо (с) низ дар Саҳеҳи Муслим ҳадисе (1715 (736)-121) ривоят шудааст.

[6] Саҳеҳи Муслим, 737. Оиша (рз) мефармояд: Расули Худо (с) шабона сездаҳ ракъат мегузорид, бо панҷ ракъати он витр мехонд (ва) дар чизе аз он ба ҷуз дар охир наменишаст. Дар ин бора аҳодиси дигаре низ аз ӯ ривоят шудааст.

[7] Саҳеҳи Бухорӣ, 183, 1138; Саҳеҳи Муслим, 1785 (863)-182, 1800 (764)-194.

[8] Саҳеҳи Муслим, 1801 (765)-195. Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (рз) мефармояд: ***«(Гуфтам) имшаб ба намози расули Худо (с) нигоҳ мекунам. (Аввал) ду ракъати сабук гузорид, сипас ду ракъати дарози дарози дароз гузорид, пас аз он ду ракъати кӯтоҳтар аз онҳо гузорид, пас аз он боз ду ракъати кӯтоҳтар аз онҳо гузорид, пас аз он ду ракъати кӯтоҳтар аз онҳо гузорид, он гоҳ ду ракъати кӯтоҳтар аз онҳо гузорид (ва) пас аз он витр кард (як ракъат гузорид). Инҳо ҳамон сездаҳ ракъатанд»***.

[9] Дар байни ривояти Оиша (рз) бар чаҳорракъатӣ будани намози шаби расули Худо (с) бо ривоятҳои дуракъатии он таорузе вуҷуд надорад, зеро намози шаби он азрат (с) гоҳе чунин ва гоҳе чунон буда ва дар бораи адади ракъатҳои он низ метавон ҳамин суханро гуфт, вале ба гуфтаи Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ дар ин ҷо ваҷҳи дигаре низ барои ҷамъи байни ин аҳодис вуҷуд дорад ва он ин аст, ки Оиша (рз) дар ривояте, ки онро ёздаҳ ракъат гуфта, он ду ракъати сабукро дар оғози намози шаб, чуноне дар ривояти дигар аз ӯ омадааст, зикр накарда бошад (Фатҳулборӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 533-534). Пас бо ин тартиббандии ривоятҳо ба ин натиҷа мерасем, ки намози шаби расули Худо (с) бо он ду ракъати сабук дар ибтидо ҳамеша сездаҳ ракъат будааст.

Худо (с) ба сар мебурдам. (Боре) оби таҳорат ва ҳоҷаташро овардам, ба ман гуфт: ***Бипурс (чизе бихоҳ)!*** Гуфтам: Аз ту ҳамроҳиятро дар ҷаннат мехоҳам. Фармуд: ***Ё ғайри инро!?*** Гуфтам: Танҳо ҳаминро. Гуфт: ***«Пас маро бар нафсат бо бисёрии суҷуд ёрӣ кун!»***.[1] Аз Маъдон ибни Абуталҳа ривоят шуда, ки фармуд: Ба Савбон мавлои расули Худо (с) вохурдам ва гуфтам: Маро аз амале хабар деҳ, ки ба он амал кунам ва Худо ба сабаби он маро дохили ҷаннат намояд ё гуфтам: Маро аз маҳбубтарин амалҳо назди Худо хабар деҳ! Вай сукут кард, боз пурсидам, боз сукут кард, бори сеюм пурсидам, гуфт: Расули Худо (с)-ро дар бораи ин пурсидам, фармуд: ***«Саҷдаи бисёр баҳри Худоро бар худ лозим бигир, зеро ту барои Худо саҷдае накунӣ, магар ин ки Худо бо он туро дараҷае бардорад ва аз ту гуноҳеро дур созад!»***.[2] Аз ибни Умар ривоят шуда, ки марде аз расули Худо (с) дар бораи намози шаб пурсид, фармуд: ***«Намози шаб дуракъатӣ-дуракъатӣ аст, пас вақте аз дамидани субҳ хавф бурдӣ, онро бо як ракъат витр гардон!»***.[3] Абдуллоҳ ибни Амр (рз) мефармояд, ки расули Худо (с) ба вай гуфт: ***«Маҳбубтарин намоз назди Худо намози Довуд (а) ва маҳбубтарин рӯза назди Худо рӯзаи Довуд аст, нисфи шабро мехобид ва сулсашро қиём мекард ва поси шашумро мехобид ва як рӯз рӯза мегирифт ва як рӯз ифтор мекард»***.[4] Аз Анас (рз) ривоят шуда, ки (рӯзе) паёмбар (с) ба масҷид даромад ва ресмонеро дар байни ду сутун кашида дид. Гуфт: ***«Ин чӣ ресмон аст!?*** Гуфтанд: Ин ресмоне аз Зайнаб аст, вақте суст шавад, (даст) ба он овезад. Паёмбар (с) фармуд: ***Не, онро боз кунед! Ҳар касе аз шумо ба қадри нашоташ намоз гузорад (ва) чун суст шавад, бинишинад!»***.[5]

Дар оятҳои нозир бар намози шаб ва аҳодиси феълии воридшуда дар шаъни он ба ду амр бештар таваҷҷуҳ шудааст, яке миқдори намози шаб, ки он як пос (сулс)-и шаб, гоҳе ду поси шаб ва гоҳе нисфи охири шабро пурра дар бар мегирифта ва дуюм тӯли қироат ва тӯли рукӯъу суҷуд дар он аст. Дар бахше аз аҳодиси қавлӣ ба аҳаммияти саҷдаи бисёр таъкид шудааст, ки он низ тӯли вақти ибодат, вале бо ракъатҳои бисёрро тақозо мекунад. Бинобар ин, баъзе пешвоёни дин ва аиммаи мазоҳиб тӯли ибодат бо қиёму қироат ва рукӯъу суҷуди тӯлониро муҳим ва аҳодиси феълиро ба гунае тафсири аҳодиси қавлӣ донистаанд ва дар намози қиёми шаб зиёда аз адади маъҳудро макрӯҳ гуфтаанд, ба ҷуз намози таровеҳ, ки ракъатҳои зиёда бар маъҳуд дар он бо амалкарди саҳобаи киром ва таъйиди халифаи дуюм Умар (рз) собит шудааст. Баъзе дигар аз аимма ба тӯли ибодат бо суҷуди бисёр бештар аҳаммият дода, ракъатҳои онро ба ададе маҳдуд надонистаанд, зеро он намози нофила аст ва ин ду чизро дар намози таровеҳ низ ҷоиз ва малҳуз доштаанд.

АҲКОМИ НАМОЗҲОИ НОФИЛА

Намозҳои нофила рӯзона ё ба сурати дуракъатӣ ва ё ба сурати чаҳоррақъатӣ ба як салом хонда мешаванд ва бештар аз он ба як салом макрӯҳ аст, вале ҳашт ракъат нофилаи шабро метавон ба як салом адо намуд ва кароҳияти он дар бештар аз ҳаштракъатӣ аст. Аммо беҳтар аст нафлҳо ба таври умум, чи дар рӯз ва чи дар шаб, ба сурати дуракъатӣ ва чаҳоррақъатӣ ба як салом хонда шаванд.[6]

Адои намозҳои нафлӣ гарчи воҷиб нест, вале бо шурӯъ кардан воҷиб мегардад. Аз ин рӯ, дар

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 1094 (489)-226.

[2] Саҳеҳи Муслим, 1093 (488)-225.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 472, 473, 990, 993, 995, 1137; Саҳеҳи Муслим, 1760 (753)-160.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1131; Саҳеҳи Муслим, 2731-32 (1159)-189-190.

Бузургони мазҳаби ҳанафӣ бо истинод ба ин ҳадис барои намози шаб поси чаҳорум ва панҷумро афзал донистаанд, ба ин тариқ, ки шабро ба шаш ҳисса ҷудо намояд ва се ҳиссаи аввалро, ки нисфи шабро ташкил медиҳанд, бихобад, он гоҳ дар қисмати чаҳорум ва панҷум ба намози шаб пардозад ва қисмати шашумро низ, ки пеш аз дамидани субҳ аст, бихобад. Аммо агар шабро ба ду қисмат тақсим кунад, пас беҳтар аст, ки дар қисмати дуюми он ба ибодат пардозад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 567-568).

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1150; Саҳеҳи Муслим, 1828 (784)-219.

[6] Назди имом Абуҳанифа (рҳ) бо истинод ба ҳадиси Оиша (рз) дар бораи намози шаби расули Худо (с) чоҳарракъатӣ гузоридани он афзал аст ва назди Имомайн дуракъатӣ гузоридани намози шаб афзал аст, зеро расули Худо (с) дар ин бора иршод фармуда, ки ***«Намози шаб дуракъатӣ-дуракъатӣ аст ва вақте аз дамидани субҳ хавф бурдӣ, пас онро бо як ракъат витр гардон!»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 472, 473, 990, 993, 995, 1137; Саҳеҳи Муслим, 1760 (753)-160).

сурате ки намози нафлро оғоз намуда ва сипас онро фосид гардонад, бояд намозашро аз он ҷое, ки фосид намудааст, қазо намояд.

Ҳар гоҳ намозгузор чаҳор ракъат намози нафл ният карда, дар қаъдаи аввал бинишинад ва сипас ду ракъати баъдиро фосид кунад, кифоя аст танҳо ҳамон ду ракъати охирро қазо бидорад.

Қироати сура (ва ё ҳадди ақал се оят) баъд аз сураи «Фотиҳа» дар тамоми ракъатҳои суннатҳои ҳаррӯза ва намозҳои нафл лозим аст.

Хондани намозҳои нафл дар болои маркаб (хар, асп ва дигар васоили нақлия) бо ишора ва рӯй ба ҳар тарафе, ки дорад, кароҳият надорад, вале бояд ин кор дар беруни шаҳр бошад.

Нишаста хондани намозҳои нафл бо вуҷуди он ки қудрати рост истодан дошта бошад, ҳарач (ишкол ва нигаронӣ)-е надорад, танҳо ин ки нисфи савоб насибаш мешавад.

Хуб аст бидонем, ки ҳар ду ракъати намози нафл намози пурра ва ҷудогона ба шумор меояд, ҳарчанд гоҳе бо як ният ва дар як салом чаҳор ракъат, шаш ракъат ва ё бештар аз он ирода ва гузорида мешавад.

Бар ҳамин асос нафлгузоре, ки чаҳор ракъат ё бештар аз онро бо як салом ният намудааст, метавонад пас аз гузоридани ду ракъат *Аттаҳийёт, дуруд ва дуо* хонад ва салом надода ба ракъати сеюм бархезад, он гоҳ аз нав *«Субҳонака-л-лоҳумма», «Аъузу биллоҳ»* ва «*Бисмиллоҳ*» хонда, ба бахши дуюми намози нафл шурӯъ намояд. Аммо агар бихоҳад, танҳо «*Аттаҳийёт*» хонда бархезад ва «*Бисмиллоҳ*» гуфта бо хондани сураи «*Алҳамд*» шафъи дуюмро шурӯъ намояд. Ҳамчунин аст дар шашракъатӣ ва ҳаштракъатии намози нафл дар шаб.

Аз ин рӯ, хондани сураи дигаре ба иловаи *«Алҳамд»* дар ҳар ракъати намози нафл воҷиб аст.

Вақте шахсе ба намози нафл шурӯъ намояд, гузоридани он бар вай воҷиб мегардад ва бо таркаш гунаҳкор мешавад. Ҳар намозеро, ки бишканад (вайрон намояд), қазояш ба таври комил бар вай воҷиб мебошад, вале нафл аз он ҷо, ки ҳар ду ракъати он намози ҷудогона ба шумор меравад, агар чаҳор ё шаш ракъат ният кунад ва онро бишиканад, танҳо ду ракъат қазо ба ҷой меоварад. Агар чаҳор ракъат ният кунад ва ду ракъати бахши аввалро хонда, салом диҳад, гунаҳгор намегардад ва қазое бар ӯ воҷиб намебошад, зеро ҳанӯз ба ду ракъати бахши дуюм шурӯъ накардааст.

Агар чаҳор ракъат намози нафл ният кунад ва дар ракъати сеюм ё чаҳорум намозро бишиканад, дар сурате ки баъд аз ракъати дуюм нишаста ва *«Аттаҳийёт»*-ро хонда бошад, танҳо ду ракъати охирро қазо меоварад. Вале агар, хоҳ аз рӯи саҳв ва хоҳ аз рӯи қасд, нанишаста бошад, чаҳор ракъатро бояд қазо биёварад.

Намози нафлро бе узр низ метавонад нишаста бихонад, ҳатто, агар онро истода шурӯъ карда бошад, метавонад нишаста ва ё баръакс, тамом намояд.[1] Ҳамчунин нафлро бо такя бар девор ё бар ҳар чизи дигаре ҳарчанд беузр бошад ҳам, метавонад ба ҷой оварад.

Агар намози нафлро нишаста ният кунад ва пеш аз рукӯъ бархоста, бидуни қироат ба рукӯъ равад, ҷоиз аст, вале афзал он аст, ки чанд ояте пеш аз рукӯъ тиловат намояд, то онро мувофиқи суннат ба ҷой оварда бошад. Аз суннати феълии паёмбар (с) собит шудааст, ки «Ӯ (с) намози татаввуъро нишаста шурӯъ мекард, пас вирд (ҳисса)-и худро (дар он) қироат мекард (ва) ҳамин ки даҳ оят ё монанди он боқӣ мемонд, бармехест ва қироаташро ба итмом мерасонд, он гоҳ рукӯъ ва саҷда мекард ва дар ракъати дуюм низ чунин мекард».[2]

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 584–585. Ҳамон гуна ки намозгузор аз ибтидо метавонад намози нафлро нишаста бигузорад, метавонад онро истода (бо қиём) ният кунад, он гоҳ дар ракъати аввал ё дуюм бинишинад. Агар дар шафъи аввал онро истода гузорад, шафъи дуюмро бо иттифоқ метавонад нишаста ба итмом расонад, вале нисфи аҷри намозгузори қоим (истода)-ро ба даст меоварад. Акси ин ҳолат, яъне намози нафлро нишаста ният кунад, он гоҳ қиём карда онро ба итмом расонад, низ бо иттифоқ ҷоиз аст. Ба гуфтаи соҳиби Радд, ин саҳеҳтарини қавлҳост ва дар он раддест бар қавли соҳиби Виқоя, Ниқоя ва баъзе матнҳои дигар, ки нишаста гузоридани онро пас аз истода ният карданаш макрӯҳ гуфтаанд. Вай ба нақл аз Хазоин овардааст, ки истода шурӯъ кунад, он гоҳ дар ракъати аввал ё дуюм бе узр бинишинад, аз рӯи истеҳсон ҷоиз аст ва саҳеҳтар он аст, ки он назди Имом (рҳ) кароҳияте надорад.

[2] Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 297; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 584–585; Муҳити Бурҳонӣ. – Ҷ. 2. – С. 222. Асли ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ (1118, 1119) ва Саҳеҳи Муслим (1702 (731)-112) аз Уммулмуъминин Оиша (рз) ба ин тариқ омадааст: «*Ӯ ҳаргиз расули Худо (с)-ро надидааст, ки намози шабро нишаста бигузорад, магар вақте ки солманд гашт. Пас нишаста қироат мекард ва вақте мехост рукӯъ кунад, бармехест, он гоҳ ба мо-*

НАМОЗИ ТАРОВЕҲ

Яке аз суннатҳои муаккада намози таровеҳ аст ва вақти он пеш аз намози витр ва ё баъд аз он аст. Ин намоз аз бист ракъат иборат буда, ҳар ду ракъати он бо як салом адо мешавад ва мустаҳаб аст баъд аз адои ҳар чаҳор ракъат миқдоре бинишинад.

Намозгузорон дар моҳи мубораки Рамазон баъд аз намози хуфтан намози таровеҳро бо ҷамоат мехонанд ва намози витрро низ дар ин рӯзҳо бо ҷамоат адо менамоянд. Бояд гуфт, ки ба ғайр аз моҳи Рамазон намози витр дар вақтҳои дигар бо ҷамоат хонда намешавад.

ТАЪРИХЧАИ ПАЙДОИШИ НАМОЗИ ТАРОВЕҲ

Дар ривоятҳо омадааст, ки расули Худо (с) мардумро ба қиёми шабҳои моҳи Рамазон бо баёни аҷру савоби он ҳавасманд мегардонд, вале онҳоро ба таври ҳатмӣ ва муаккад ба он амр намекард. Аз ҷумла, он ҳазрат (с) мегуфт: ***«Касе шабҳои моҳи Рамазонро аз рӯи имон ва ба умеди аҷру савоб барпо дорад, тамоми гуноҳони (хурди) гузаштааш бахшида мешаванд»***.[1] Расули Худо (с) аз дунё гузашт ва кор ба ҳамин сурат боқӣ монд. Дар замони хилофати ҳазрати Абубакр (рз) ва ибтидои даврони Умар (рз) низ ҳамин ҳолат ҳифз гардид.[2]

Оиша (рз) мефармояд: «Расули Худо (с) шабе (дар моҳи Рамазон) нимашаб ба масҷид рафт ва дар он ҷо намоз гузорид. Мардуме, ки дар он ҷо буданд, ба вай иқтидо намуда, намоз гузориданд. Вақте субҳ шуд, онҳо дар бораи намози шабашон ба мардум хабар доданд. Шаби дигар одами бештаре ҷамъ шуда ва ҳамроҳи он ҳазрат (с) намоз гузоштанд. Боз субҳ хабар ба мардуми бештаре расид ва дар шаби сеюм аҳли масҷид зиёд гардиданд. расули Худо (с) ин шаб низ ба масҷид рафт ва мардум ҳамроҳаш намоз гузоштанд.

Шаби чаҳорум масҷид дигар намозгузоронро набурд, (вале расули Худо (с) он шаб ба наздашон набаромад, балки саҳар) барои намози субҳ баромад. Пас аз адои намози бомдод… ба мардум гуфт: ***«Ҳузури шумо бароям пӯшида набуд, вале хавф бурдам, ки ин намоз низ бар шумо фарз гардад ва аз адои он оҷиз гардед»***. Расули Худо (с) вафот кард ва кор бар ҳамин буд.[3]

Чӣ тавре мебинем, расули Худо (с) дар моҳи Рамазон танҳо се шаб намозро дар масҷид бо ҷамоат барпо доштааст ва ба ин андеша, ки мабодо намози шаб дар моҳи Рамазон бар умматаш фарз гардад ва онҳо аз анҷоми он оҷиз оянд, дигар онро ҳамроҳи мардум нагузоштааст.

Бар асоси ривоятҳои дигар расули Худо (с) танҳо дар се шаби тоқи даҳаи охири моҳи Рамазон намози таровеҳро дар масҷид бо ҷамоат барпо доштааст. Нуъмон ибни Башир аз болои минбари шаҳри Ҳумс фармуд: ***«Шаби бисту сеюми моҳи Рамазон ҳамроҳи Расули Худо (с) то як ҳиссаи шаб ба намоз истодем, дар шаби бисту панҷум то нимаи шаб ва дар шаби бистуҳафтум то ҷое ба намоз истодем, ки хавф бурдем саҳарихӯрӣ моро фавт мегардад»***.[4]

Дар ривояти Ҷубайр ибни Нуфайр аз Абузар низ ҳамин маъно бо дигар лафз таъкид гардидааст ва танҳо ин илова дар он омадааст, ки «***Дар шаби бистуҳафтум он ҳазрат (с) аҳли хонавода ва ҳамсаронашро низ ҷамъ намуд. Шаби бистучаҳорум ва бистушашум ҳамроҳи мо таровеҳро нахонд. Пас аз бистуҳафтум низ таровеҳро ҳамроҳи мо барпо надошт»***.[5]

Мардум дигар намози таровеҳро ё дар хонаҳояшон ва ё ба таври танҳогузор ва низ дар ҷамоатҳои пароканда дар гӯшаҳои масҷид мехонданд. Ин ҳолат дар замони хилофати ҳазрати Абубакр (рз) ва ибтидои хилофати ҳазрати Умар (рз) низ идома ёфт. Пас аз он ҳазрати Умар (рз) мардумеро, ки дар гӯшаҳои масҷид танҳо-танҳо ва ё дар ҷамоатҳои пароканда на-

---

нанд (ё миқдор)-и сӣ ё чиҳил оят қироат мекард, пас аз он ба рукӯъ мерафт ва дар ривояти Муслим: ва саҷда мекард ва дар ракъати дуюм низ чунин мекард».

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 37, 2008, 2009.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 2009. Саҳеҳи Муслим, 1777 (759)-174. Сунани Абудовуд, 1371. Сунани Тирмизӣ, 808. Сунани Насоӣ, 2103, 2197.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 729, 924, 1129, 2011, 2012, 5861. Саҳеҳи Мусим, 1780 (761)-177, 1781 (761)-178. Сунани Абудовуд, 1373.

[4] Мусаннафи Ибни Абушшайба. – Ҷ. 2. – С. 286.

[5] Сунани Абудовуд, 1375. Сунани Тирмизӣ, 806. Сунани Насоӣ, 1364. Сунани Ибни Моҷа, 1327. Тирмизӣ қайд мекунад, ки дар ин боб аз Оиша (рз), Нӯъмон ибни Башир (рз) ва Ибни Аббос (рз) низ осоре ривоят шудааст.

мози таровеҳ мегузоштанд, ба як имом ҷамъ сохт.[1] Аз он таърих ба баъд намози таровеҳ ва ҳамчунин намози витр дар моҳи Рамазон бо ҷамоат барпо дошта мешаванд.

Аз он рӯзе, ки Умар (рз) мардумро дар намози таровеҳ ба як имом ҷамъ намуд, дигар ба ҳамон ҳолат боқӣ монда ва хулафои баъдӣ – Усмон (рз) ва Алӣ (рз) ва мусулмонон ба он идома додаанд. Бинобар ин, намози таровеҳ дар моҳи Рамазон суннати муаккада мебошад. Аз Абуюсуф (рҳ) ривоят шуда, ки Абуҳанифаро дар бораи намози таровеҳ ва ончи Умар (рз) анҷом дода буд, пурсидам. Гуфт: Таровеҳ суннати муаккада аст, онро Умар (рз) ба таври тахминӣ ва аз пеши худаш набаровардааст, ба он амр накарда, магар аз рӯи асле, ки дар наздаш буда ва бо аҳде аз расули Худо (с). Умар (рз) дар ҳоле мардумро бар Убай ибни Каъб гирд оварда ва ӯ онро бо ҷамоат гузорид, ки саҳобагон аз муҳоҷирон ва ансор бисёр буданд ва ҳеҷ касе аз онҳо бар вай эътироз накард, балки баръакс, бо вай мувофиқа ва ӯро дар ин кор мусоидат намуданд.[2]

Таровеҳ ҷамъи тарвеҳа ба маънои андаке дам гирифтан дар миёни ҳар чаҳор ракъати намоз мебошад. Дар садри ислом намози таровеҳро мардум бо оҳистагӣ, тааммул дар оятҳо ва бо хушуъи комил ба ҷой меоварданд ва пас аз ҳар чаҳор ракъати он андаке дам мегирифтанд. Имрӯзҳо низ намози таровеҳ суратан бо ҳамон меъёр ба ҷо оварда мешавад, вале ягона чизе, ки камтар ба он таваҷҷуҳ мегардад, ҳамон оҳистагии зарурӣ, ҳолати тааннӣ ва хушуъ дар намоз мебошад, ки рӯҳи намозро ташкил медиҳанд.

АДАДИ РАКЪАТҲОИ НАМОЗИ ТАРОВЕҲ

Асли намози таровеҳ ба ҳамон сурате ки зикр шуд, аз расули Худо (с) собит шудааст, вале дар бораи адади ракъатҳои он, дар он шабҳое, ки бо мардум гузорид, аз он ҳазрат (с) ривояте собит нагаштааст. Вале аз саҳобагон, ба хусус аз намози таровеҳе, ки Умар (рз) бо имоматии Убай ибни Каъб (рз) баргузор намуд ва ҳамчунин аз тобеин осор ва ривоятҳои гуногуне ворид шудааст, ки аксаран бист ракъат будани адади ракъатҳои онро мавриди таъйид қарор медиҳанд. Пешвоёни мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат: имом Абуҳанифа (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва дар қавле аз имом Молик (рҳ) низ бо такя бар ҳамин осор ва ривоятҳо бист ракъат гузоридани онро тарҷеҳ додаанд. Аммо бар асоси зоҳири ривоят дар мазҳаби имом Молик (рҳ) он сию шаш ракъат аст.

Имом Молик (рҳ) дар Муваттаъ аз Язид ибни Румон ривоят мекунад, ки *«Мардум дар замони Умар ибни Хаттоб (рз) қиёми шабро бисту се ракъат ба ҷо меоварданд»*.[3] Вай дар ин ҷо се ракъати витрро низ дар назар доштааст.

Аз Соиб ибни Язид низ ривоят шудааст, ки *«Дар замони Умар ибни Хаттоб мардум дар моҳи Рамазон* (намози шабро) *бист ракъат мегузориданд»*.[4] Байҳақӣ низ дар ал-Маърифа аз Соиб ибни Язид ривоят кардааст: *«Дар замони Умар ибни Хаттоб (рз) бо бист ракъат ва намози витр қиём мекардем»*.[5]

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) на дар моҳи Рам-азон ва на дар ғайри он аз ёздаҳ ракъат зиёд намегузорид. Аввал чаҳор ракъат ме-***

---

[1] ***Абдурраҳмон ибни Абд ал-Қорӣ мегӯяд: «Дар яке аз шабҳои моҳи Рамазон ҳамроҳи Умар ибни Хаттоб (рз) ба масҷид рафтем ва дидем, ки мардум ба таври пароканда – баъзе танҳогузор ва гурӯҳе ба намозгузоре иқтидо карда, намоз мехонанд. Умар (пас аз мушоҳидаи ин вазъ) фармуд: Фикр мекунам, агар онҳоро ба як қорӣ (ва имом) ҷамъ намоям, беҳтар аст. Он гоҳ ҳамаро аз пушти Убай ибни Каъб ҷамъ намуд. Шаби дигар ҳамроҳи ӯ хориҷ шудам ва дидем, ки мардум аз пушти имомашон намоз мегузоранд. Умар фармуд: Чӣ бидъат (ва равиш)-и хуберо асос гузоштем. Ва намозе, ки аз он хобашон мебарад, аз ин намозе, ки барпо медоранд, беҳтар аст. Манзураш намози охири шаб буд, мардум бошанд, дар аввали шаб қиём мекарданд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2010).

[2] Фатҳу-л-қадир. Ҷ. 1. С. 486; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 27. С. 138.

[3] Муваттаи имом Молик, 252. – Ҷ. 1. – С. 115.

[4] Сунани Куброи Байҳақӣ, 4393. – Ҷ. 2. – С. 496. Нававӣ дар «Хулоса» исноди онро саҳеҳ гуфтааст.

[5] Фатҳу-л-қадир. – Ҷ. 1. – С. 485; Маърифату-с-сунани ва-л-осор, 5409. – Ҷ. 4. – С. 42. – Қоҳира: Дорулвафо ли-т-тибоати ва-н-нашр, 1991.

Байҳақӣ ривояти қаблиро низ аз тариқи имом Шофеъӣ аз имом Молик аз Соиб ибни Язид ривоят кардааст (ал-Маърифа, 5413. – Ҷ. 4. – С. 42).

гузорид, ки аз ҳусну зебоӣ ва дарозии онҳо напурс, боз чаҳор ракъати дигар мегузорид, ки аз ҳусну зебоӣ ва дарозии онҳо напурс. Сипас се ракъат мегузорид…».[1] Манзур аз ёздаҳ ракъат ҳашт ракъат намози қиёми шаб ва се ракъат витр мебошад.

Аммо бузургони мазҳаби ҳанафӣ ва аксари аҳли илм ин ҳадисро ба қиёми шаби ҳамешагии он ҳазрат (с), ҳам дар моҳи Рамазон ва ҳам дар ғайри он, марбут донистаанд, вале бо истинод ба аҳодиси қавлии воридшуда дар бораи қиёми шаб ва амалкарди саҳобаи киром дар моҳи Рамазон ҳаср ва маҳдудияте дар адади ракъатҳои қиёми моҳи Рамазон ва он намозе, ки бо номи таровеҳ шинохта мешавад, ба он сурате ки дар ҳадиси боло зикр шудааст, надидаанд. Зеро агар аз ин ҳадис ҳасри ракъатҳои қиёми моҳи Рамазон ва намози таровеҳ низ бардошт мешуд ва адади ракъатҳои он бо феъли он ҳазрат (с), ҳамон гуна ки дар ҳадиси фавқ омадааст, собит мешуд, ҳеҷ гоҳ саҳобагони киром бар хилофи он амал ва иттифоқ намекарданд.

Илова бар ин, ин кори онҳо дар замоне сурат гирифта буд, ки Оиша (рз) дар қайди ҳаёт буд ва ба он мухолифате нишон надод. Пас маълум мешавад, ки манзури ҷумҳури саҳобагон аз ҳадиси Оиша (рз) ҳамон намози ҳамешагии шаб аст, на ҳасри адади ракъатҳои намози қиёми моҳи Рамазон ва намози таровеҳ.

Аз сӯи дигар, маҷмӯи ривоятҳои собитшуда дар ин бора – ривояти Оиша (рз), ривояти Ҷубайр ибни Нуфайр ва ривояти Абузар бо сароҳат далолат доранд, ки он чи расули Худо (с) дар шабҳои моҳи Рамазон бо ҷамоат барпо дошта, ҳамон намози шаб аст ва Паёмбар (с) ба ҷуз онҳо намози дигаре дар он шабҳо нагузоридааст, вале бо хеле тафовут. Тафовути аввали он аз намози муқаррарии он ҳазрат (с) дар шабҳои берун аз Рамазон, ҳамон гуна ки дар ривояти Ҷубайр ва Абузар омадааст, он аст, ки паёмбар (с) аз ҳиссаи аввали шаб ба он пардохтааст. Фарқи дуюм он аст, ки он дар шаби сеюм то охири шаб – наздик ба дамидани субҳ идома ёфтааст, дар ҳоле ки намози шаб дар ғайри моҳи Рамазон дар ҳиссае аз шаб ва бештар дар ҳиссаи охири он барпо дошта мешуд.

Аз маҷмӯи ин ривоятҳо ва ҳамин тавр амалкарди саҳобагон дар замони Умар (рз) бармеояд, ки таровеҳ ҳам ҳамон намози шаб аст, вале бо тафовути ошкоре. Пас ҳарчанд дар бораи шумори ракъатҳои намози шаб дар ғайри моҳи Рамазон аз паёмбар (с) адади муайян, вале мутафовите ривоят шуда бошад ҳам, вале чун он намози нофила буда ва ба таври ихтиёрӣ ба ҷой оварда мешуд, шахси намозгузор дар адади ракъатҳои он низ мухайяр будааст ва дар ниҳоят аз сӯи халифаи дуюм Умар (рз) дар бист ракъат қарор дода шудааст. Сухани худи Умар (рз) дар ривояти Абдурраҳмон ибни Абд ал-Қорӣ: «ва намозе, ки дар охири шаб барпо медоштанд, аз ончи ҳоло анҷом медиҳанд, беҳтар аст» низ маънои фавқро таъйид менамояд.

Дар ривояти саҳеҳи дигаре аз Соиб ибни Язид дар Муваттаъ омадааст: *Умар ибни Хаттоб Убай ибни Каъб ва Тамими Дориро амр кард, ки бо мардум ёздаҳ ракъат бигузоранд* ва (ровӣ) гӯяд: *Қорӣ сураҳои садоятаро қироат мекард, то ки аз тӯли қиём бар асоҳо такя мекардем ва (аз намоз) барнамегаштем, магар дар наздикиҳои субҳ*.[2]

Дар Мусаннафи Абдурраззоқ бо санади саҳеҳ аз Соиб ибни Язид ривоят шуда: *Умар мардумро бар Убай ибни Каъб ва Тамими Дорӣ бар бисту як ракъат ҷамъ кард, ки сураҳои садоятаро қироат мекарданд ва (аз намоз) дар наздикиҳои субҳ бармегаштанд*.[3]

Дар ин ривоятҳои Соиб ибни Язид охири шаб қайд шуда, дар ҳоле ки дар ривояти Абдурраҳмон ибни Абд ал-Қорӣ дар Саҳеҳи Бухорӣ аввали шаб гуфта шудааст. Пас бо ҷамъ-

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569. Агар намози таровеҳ – он намозеро, ки расули Худо (с) чанд шабе бо мардум дар масҷид гузорид, айнан намозҳои доимии он ҳазарт (с) дар тамоми шабҳо бидонем, чуноне ки сухани Умар (рз) дар ривояти Ибни Абд ал-Қорӣ ба он далолат мекунад, пас адади ракъатҳои намози таровеҳ дар замони паёмбари акрам (с) низ маълум будааст, вале саҳобагони киром бо амал ба аҳодиси қавлии собитшуда аз он ҳазрат дар бораи намозҳои шаб бештар аз онро ҷоиз ва ба он амал кардаанд.

[2] Муваттаи имом Молик, 251. – Ҷ. 1. – С. 115.

[3] Мусаннафи Абдурраззоқ, 7730. – Ҷ. 4. – С. 260. Ривояти бист ракъат будани намози таровеҳ илова бар ривояти Соиб ибни Язид бо шавоҳиди дигаре аз саҳоба, тобеин ва аиммаи дин таъйид шудааст. Аз Ато бо санади саҳеҳ ривоят шудааст: *Мардумро дар ҳоле дарёфтам, ки таровеҳро бо витр бисту се ракъат мегузориданд* (Мусаннафи Ибни Абушайба. – Ҷ. 2. – С. 393).

бандии ин ривоятҳо ба ин натиҷа мерасем, ки дар замони Умар (рз) ду ҳолат вуҷуд дошта: Намози шаб дар моҳи Рамазон – таровеҳ гоҳе дар нимаи охири шаб ва гоҳе дар нимаи аввали шаб гузорида мешуд ва онро дар ибтидо бо витр ёздаҳ ракъат мегузориданд ва дар он сифати намози паёмбар (с)-ро, аз тӯли қиём ва тӯли рукӯъу суҷуд риоя мекарданд ва дар охир бо тахфифе дар қиёму қироат онро ба ғайри витр бист ракъат мегузоридаанд.

Пас таъйини ададди ракъатҳои он дар бист ракъат агар бо иҷтиҳоди халифаи рошид Умар (рз) ва таъйиди оммаи саҳобагон сурат гирифта бошад ҳам, касе ҳаққи мухолифат бо онро надорад, зеро пайравӣ аз суннати хулафои рошид, бо насси шаръӣ – ҳадиси паёмбар (с) собит шудааст.[1] Пас ҳарчанд ба андешаи баъзе муҷтаҳидон ва пешвоёни ислом аз бист ракъат бештар ва ё камтар гузоридани он низ ҷоиз дониста шуда, вале бар асоси тадовули уммат ҷумҳури аҳли суннат бист ракъат будани онро тарҷеҳ додаанд.

Муҳаддиси бузург Муҳаммад ибни Насри Марвазӣ дар китоби Қиёми Рамазон назари аиммаи сегона – имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ)-ро дар бораи намози таровеҳ чунин овардааст:

Молик фармуд: Дӯст дорам, ки мардум дар моҳи Рамазон бо сиву ҳашт ракъат қиём намоянд, он гоҳ имом ва қавм салом диҳанд, пас аз он бо онҳо як ракъат витр бигузорад. Ин амал дар Мадина аз қабл аз ҳодисаи Ҳарра аз саду чанд сол пеш то имрӯз идома дорад.

Шофеъӣ мефармояд: Мардумро дар Мадина дидам, ки (дар моҳи Рамазон) бо сиву нуҳ ракъат қиём мекунанд, вале бист ракъат назди ман маҳбубтар аст ва дар Макка чунин (бо бист ракъат) қиём мекунанд. Дар чизе аз ин тангно ва ҳадде, ки ба он мунтаҳӣ шавад, вуҷуд надорад, зеро он намози нофила аст. Агар қиёмро тӯлонӣ ва суҷудро камтар карданд, пас ин хуб ва назди ман маҳбуб аст ва агар рукӯъу суҷудро бисёр намуданд, он низ хуб аст.

Аз имом Аҳмад пурсида шуд, ки дар қиёми Рамазон чанд ракъат гузорида шавад!? Гуфт: Дар ин бора рангҳое ҳудуди чиҳил (яъне ҳудуди чиҳил қавл) гуфта шудааст. Он намози татаввуъ аст.[2]

Соҳиби Фатҳ – Ибни Ҳумом бар хилофи дигар машоихи мазҳаб дар қиёми моҳи Рамазон ҳашт ракъати онро ҳамроҳи се ракъати витр бо ҷамоат суннат ва тамоми бист ракъатро мустаҳаб медонад.[3]

Пас набояд бо номи пойбандӣ ба суннати расули акрам (с) ба ин суннати роиҷи исломӣ – бист ракъат будани намози таровеҳ, ки асли он аз сираи амалии расули Худо (с) сарчашма гирифта ва аз аҳди хулафои рошид дар миёни уммат маъмул аст, мухолифат намуд ва онро бо ривоятҳои саҳеҳи исломӣ мухолиф донист, ҳарчанд дар мазҳаби аҳли ҳадис ва бузургоне чун имом Бухорӣ (рҳ) ҳашт ракъат ва дар мазҳаби имом Молик (рҳ) бештар аз бист ракъат гузоридани намози таровеҳ ҷоиз аст. Ин кор – мухолифат бо бист ракъат будани намози таровеҳ ба таври дигаре ба муғолатаҳои Ҳиллӣ – донишманди шиа монанд аст, он ҷо ки дар китоби «Минҳоҷулкарома» дар ин бора мегӯяд: *«Ӯ (Умар) бидъати намози таровеҳро эҷод намуд, дар ҳоле ки аёмбар (с) фармуда: Эй мардум, гузоридани намози нофила дар шабҳои моҳи Рамазон бидъат аст. Огоҳ бошед ва дар ҳеҷ шабе аз шабҳои моҳи Рамазон иҷтимоъ накунед ва намози чошт (ҳам) нахонед!»*.[4]

ХАТМИ ҚУРЪОН ДАР НАМОЗИ ТАРОВЕҲ

Дар бораи хатми Қуръони карим дар намози таровеҳ дар байни мактабҳои фиқҳӣ ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Имом Молик (рҳ) онро суннат намедонад. Дар назди ҷумҳури бузургони ҳанафӣ намози таровеҳ суннати муаккада, бо ҷамоат гузоридани он суннати кифоя ва як бор хатм кардани Қуръони карим дар моҳи Рамазон дар намози таровеҳ низ суннати ғай-

[1] Ишора ба ҳадисе аст, ки паёмбари акрам (с) дар бахше аз он мефармояд: ***«Касе пас аз ман зинда монад, ихтилофи бисёре мебинад. Пас суннати ман ва суннати хулафои рошид (ва) роҳёфтаи маро бар худ лозим бигиред, ба он тамассук биҷӯед ва онро бо дандонҳо бидореду!…»*** (Сунани Абудовуд, 4607; Сунани Тирмизӣ, 2676).

[2] Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Насри Марвазӣ.Мухтасару Қиёми-л-лайл ва Қиёми Рамазон ва Китоби витр. – С. 222. – Файсалобод, 1988 м./1408 ҳ.

[3] Фатҳулқадир. Ҷ. 1. – С. 486; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 27. – С. 142-143.

[4] Абдулъазизи Нуъмонӣ. Таҳқиқе перомуни намози таровеҳ. – С. 16.

ри муаккада мебошад, то мардум лоақал дар соле як бор дар моҳи Рамазон тамоми Қуръонро бишунаванд. Имом набояд аз рӯи танбалии қавм хатми Қуръонро тарк намояд.

Аммо миқдори оятҳое, ки дар ҳар ракъати намози таровеҳ хонда мешаванд, ба адади муайяне маҳдуд гардонида нашудааст, балки он ба ҳоли намозгузорон бастагӣ дорад. Агар имом дар ҳар ракъат даҳ-ёздаҳ оят бихонад, Қуръонро дар зарфи як моҳи Рамазон ва ё чанд рӯз камтар аз он хатм менамоянд. Дар китоби «Мудаввана» омадааст: *Умар ибни Абдулазиз қориҳоро амр кард, ки намози таровеҳро барпо доранд ва дар ҳар ракъати он даҳ оятӣ бихонанд»*.[1] Имом Ҳасан ибни Зиёд аз Абуҳанифа (рҳ) низ хондани даҳ оятро дар ҳар ракъати намози таровеҳ ривоят кардааст.[2]

Адади ракъатҳои намози таровеҳ дар тамоми моҳи Рамазон бинобар бисту нуҳ ва ё сӣ будани он шашсад ва ё панҷсаду ҳаштод ракъат мебошад. Вақте дар ҳар ракъат даҳ-ёздаҳ оятӣ бихонанд, ба адади оятҳои Қуръон, ки аз шаш ҳазору дусаду чанд (6236) оят иборат аст, баробар мешавад.

Вале беҳтар он аст, ки ҳар шаб дар бист ракъат як пораи Қуръонро хатм намоянд ва бо ҳамин дар зарфи як моҳ як хатми комил анҷом гирад. Ин миқдор ба ҳоли ҳар гуна намозгузор мувофиқат мекунад. Аммо, агар намозгузороне тоқати бештар дошта бошанд ва ду бор ва ё се бор Қуръонро дар моҳи Рамазон хатм намоянд, он низ ҷоиз ва хуб аст.

ҚАЗОИ НАМОЗҲОИ ФАВТШУДА

Бандаи муъмин бояд намозҳои фарзро дар вақти худ бихонад ва ҳар гоҳ бе узр намозеро қазо намояд, гунаҳкор мегардад ва бояд тавба карда, қазои онро ҳар вақте ки ба ёдаш омад, бихонад.

Касеро намозҳои қазокардааш камтар аз шаш вақт бошанд, бояд онҳоро ба тартиб ва пеш аз намозҳои вақтӣ бихонад. Ба ин тариқ ки мас, агар аз ӯ як намози бомдод ё як намози пешин қазо шуда бошад, аввал бояд қазои намози бомдодашро бигузорад ва пас аз он қазои пешинашро ва ё ин ки мас., агар ҳангоми намози пешин ба ёдаш ояд, ки аз ӯ як намози бомдод қазо шудааст, аввал бояд қазои бомдодашро ба ҷо оварад ва баъд аз он намози пешини онрӯзаашро бихонад.

Шахсе, ки ҳеҷ намозеро қазо накардааст ё намозҳои қазоияш аз шаш вақт камтар мебошанд, ба вай соҳибтартиб гуфта мешавад. Барои шахси соҳибтартиб ҳам дар байни намозҳои қазоие, ки аз шаш вақт камтар мебошанд ва ҳам дар миёни онҳо ва намозҳои вақтии дигар риояи тартиб воҷиб аст.

Агар намозҳои қазоияш аз шаш вақт бештар шаванд, вай дигар аз соҳибтартибӣ хориҷ мегардад ва риояи тартиб ба сурати қаблӣ дар байни намозҳои қазоӣ ва ҳамчунин дар байни онҳо ва намозҳои вақтӣ бар вай воҷиб нест, вале ҳамин ки намозҳои қазоияшро пурра ба ҷой оварад ва ё аз шаш вақт камтар гарданд, боз он шахс соҳибтартиб мегардад.

Тартиби мазкур дар намозҳои қазошуда дар се ҳолат аз намозгузор соқит мешавад:

1. Намозҳои қазошуда аз шаш вақт бештар шаванд.

2. Вақт ба андозае танг бияяд, ки танҳо гунҷоиши гузоридани намози вақтиро дошта бошад. Зеро дар ин ҳолат бо гузоридани намози қазо намози вақтӣ ҳам қазо мегардад.

3. Фаромӯш кардани намозҳои қазошуда.

Аммо намозҳои фарзие, ки қазо нагаштаанд, бояд дар вақтҳои муайяни худ гузорида шаванд ва тартиб ҳеҷ гоҳ дар миёни онҳо соқит намегардад, яъне онҳоро аз вақтҳои муайяни худ пешу ақиб бурда намешавад, зеро он намозҳо аз сӯи Худованд дар ҳамон вақтҳо фарз гардонида шудаанд.

ТАФСИЛИ ҲОЛАТҲОЕ ДАР БОБИ ҚАЗОИ НАМОЗ

1. Барои ба ҷой овардани қазои намозҳои фавтшуда вақти хоссе муайян нашудааст, бал-

[1] Молик ибни Анаси Асбаҳӣ. Мудавванаи Кубро. – Ҷ. 1. – С. 287. Бейрут: Дору Содир. Минбаъд: Мудаввана; Зафараҳмад Усмонии Таҳонавӣ. Эълоуссунан. – Ҷ. 3, бахши ҳафтум. – С. 80. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1997. Минбаъд: Эълоуссунан.

[2] Алоуддин Абубакр ибни Масъуди Косонӣ. Бадоеъуссаноеъ фӣ тартибишшароеъ. – Ҷ. 1. – С. 645. Бейрут: Дору эҳёи-ат-туроси-ла-рабӣ, 1997. Минбаъд: Бадоеъуссаноеъ. Эълоуссунан. – Ҷ. 3, бахши ҳафтум. – С. 80.

ки гузоридани онҳо, ҷуз дар вақтҳои мамнӯа – вақти баромадани офтоб, нисфирӯзии адл ва вақти нишастани офтоб – дигар ҳама вақт ҷоиз аст.

2. Агар намози қазогашта ба ёдаш омад, вале имрӯзу фардо карда, қазои онро ба ҷой наоварад ва ҳамон тавр бимирад, бар вай ду гуноҳ бошад: яке гуноҳи қазо сохтани намоз, дигар гуноҳи ба таъхир партофтани анҷоми қазои он.

3. Агар аз шахсе дар тамоми умр ҳеҷ намозе қазо нагашта ва ё агар буда, қазои онро ба ҷой оварда бошад, ба ин шахс дар истилоҳи илми фиқҳ *соҳиби тартиб* мегӯянд. Шахси соҳиби тартибро, агар намози фавтгаштае ба ёдаш ояд ва дар вақт низ гунҷоиш буда бошад, набояд аввал намози вақтиро бихонад, балки нахуст бояд намози қазоашро ба ҷой оварад, он гоҳ намози вақтиро адо намояд.

4. Касе бо қазо гаштани шаш вақт намозаш аз соҳибтартибӣ хориҷ гардад, дар пешу ақиб гузоридани намозҳои қазоӣ аз вақтӣ ва ё вақтӣ аз қазоӣ риояи тартиб барояш зарурат надорад, яъне тартиб дар ин мавридҳо аз вай соқит мегардад.

5. Агар намози витраш фавт гардад ва бар гарданаш қазоии дигаре вуҷуд надошта бошад, пеш аз ба ҷой овардани қазоии витр намози бомдод ҷоиз нест. Яъне риояи тартиб дар байни намози қазои витр ва намози бомдоди вақтӣ низ воҷиб мебошад.

6. Шахси соҳибтартиб фарзи хуфтанро хонда бихобад ва замоне ки барои намози шаб (таҳаҷҷуд) бархост, витрро ба ҷой оварад, вале рӯзона ба ёдаш расад, ки намози хуфтанро бе вузӯ хондааст, дар ин сурат танҳо қазоии фарзи хуфтанро ба ҷой меоварад.

7. Намозҳои фарз ва витр қазо дошта мешаванд, на суннатҳо ва нафлҳо. Албатта, агар намози бомдоди касе қазо шавад ва пеш аз заволи ҳамон рӯз қазои онро ба ҷой оварад, фарз ва суннат ҳар дуро қазо меоварад ва баъд аз завол (нисфирӯзӣ) дигар танҳо фарзро қазоӣ мегузорад.

8. Агар касе аз бенамозӣ тавба намояд ва тасмим гирад, ки дар оянда дигар аз ӯ намозе қазо нахоҳад шуд, бояд қазои намозҳои гузаштаро ба ҷой оварад.

9. Агар аз касе намозе қазо гардад ва фурсати адои онро наёбад, бар вай воҷиб аст, ки пеш аз марг ворисонашро ба фидя додан васият намояд, агар васият накунад, гунаҳкор мегардад.

10. Қазо доштани намозҳои фавтшудаи фарз фарз ва намозҳои воҷиб, ба монанди витр, воҷиб мебошад. Намози нафл бо шурӯъ намудан воҷиб мегардад. Агар намози нафлашро пас аз шурӯъ намудан фосид гардонад, қазои он бар вай воҷиб мебошад.

11. Агар намозҳои қазогаштаи шахсе бисёр шуданд, ҳангоми ба ҷой овардани қазоии онҳо бояд ҳар намозро муайян созад.

Вале агар барои вай муайян намудани ҳар намозе душвор ва номумкин бошад, пас ният кунад, ки ӯ мас., аввалин намози пешини қазокардаашро ва ё охирин намози пешини қазокардаашро ба ҷой меоварад.

НАМОЗУ РӮЗА ДАР МИНТАҚАҲОИ ҚУТБӢ

Дар минтақаҳои қутбӣ ва атрофи он шабу рӯзи муқаррарӣ ва системаи вақт дар кураи замин, ки ҳудуди бисту чаҳор соатро ташкил медиҳад, ба сурати дигаре тағйир ёфта, сол аз сесаду шасту шаш шабонарӯз тақрибан ба чанд шабонарӯз табдил мешавад. Дар минтақаҳои поёнтар аз параллели 45, ки чаҳор иқлими ҷуғрофӣ: истивоӣ (экваторӣ), наздиистивоӣ (субэкваторӣ), мадорӣ (тропикӣ) ва наздимадорӣ (субтропикӣ)-ро дар бар мегирад, низоми муқаррарии шабу рӯз ҳукмфармост, ҳарчанд дигаргуншавии шабу рӯз дар хатти параллели 45 ва атрофи он нисбат ба хатти истиво хеле фарқ дорад.

Дараҷаҳои арзие, ки болотар аз параллели 45 ҷойгир шудаанд ва дигаргуншавии шабу рӯз дар онҳо аз ҳад зиёд аст, ба се минтақаи замонӣ тақсимбандӣ шудаанд:

а) Минтақае, ки дар ҳар ду нимкураи шимолӣ ва ҷанубӣ дар миёнаи хатти арзи 45 ва 48 воқеъ шудааст. Ин минтақа иқлими нисбатан муътадилтареро, ки дар байни ақолими субтропикӣ ва иқлимҳои наздиартикӣ (субартикӣ) ва наздиантартикӣ (субантартикӣ) дар шимол ва ҷануб ҷойгир шудааст, фаро гирифта, нишонаҳои зоҳирии астрономӣ (фалакӣ) барои шинохтани вақт дар он дар тӯли бисту

чаҳор соат ба хубӣ дида мешаванд, ҳарчанд ҳаҷми дигаргуншавии шабу рӯз дар он ба ҳадди баланде расида бошад.

б) Минтақае, ки дар миёнаи хатти арзи 48 ва 66 воқеъ шудааст. Ин минтақа минтақаи болоии иқлими муътадил ва иқлимҳои субартикӣ ва субантартикиро дар бар гирифта, дар он баъзе нишонаҳои астрономӣ (фалакӣ) барои шинохти вақт ба муддатҳои муайяне аз байн мераванд, ба монанди шафақи шом, ки то дамидани субҳ боқӣ мемонад ва бо фалақ (сапеда)-и субҳ пайваст мешавад.

в) Минтақае, ки дар миёнаи хатти арзи 66 ва 90 воқеъ шуда, то манотиқи қутбиро фаро мегирад ва нишонаҳои астрономӣ барои шинохти вақт дар он ба муддати дарозе аз байн мераванд, яъне ба муддати чандин моҳ дар он ё шаб ҳукмфармост ё рӯз. Аз охирҳои моҳи март рӯзҳо дар Қутби Шимол бениҳоят дароз гардида, аз охирҳои моҳи апрел то аввалҳои моҳи август дигар офтоб ғуруб намекунад. Пас аз он офтоб кам-кам фурӯ рафта, шабҳо мушоҳида мешаванд ва ҳамин тавр шабҳо андак-андак дароз ва рӯзҳо кӯтоҳ мешаванд, то он ки дар моҳи октябр офтоб комилан ғоиб мешавад ва ба муддати чанд моҳи дигар шаби пайваста дар он ҷо ҳукмфармо мегардад. Аз ибтидои моҳи феврал боз офтоб кам-кам тулӯъ менамояд ва рӯзҳо андак-андак дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд. Дар Қутби Ҷануб низ айнан ҳамин ҷараёни дигаргуншавии шабу рӯз сурат мегирад. Вақте дар Қутби Шимол шаб бошад, дар он ҷо рӯз аст.

Дар чунин ҳолат ҳатман барои сокинони мусулмони ин минтақаҳо дар баргузории намозҳои панҷвақта, доштани рӯзаи моҳи Рамазон ва дигар муносибатҳои динӣ, ки бар пояи солшумории қамарӣ бино ёфтаанд, мушкили вақт пеш меояд.

Ин масъала имрӯз пас аз фароҳам омадани шароит ва имконоти шиносоӣ бо тамоми гӯшаву канори замин ба таври ҷиддитаре матраҳ гардида бошад ҳам, дар маҷмӯаи фиқҳи исломӣ муддатҳо қабл ба он ишора шудааст. Донишмандон ва поягузорони маҷмӯаи фиқҳи исломӣ ба дарозии шабу рӯз дар минтақаҳои дорои дараҷаҳои баланди арзи ҷуғрофиёӣ,[1] яъне минтақаҳои қутбӣ ва атрофи он ва чигунагии намозу рӯзаи сокинони он ҷойҳо хеле барвақт пардохтаанд.

Назари роҷеҳ ва қавли муътамад дар мазҳаб бар асоси таҳқиқоте, ки Камол ибни Ҳумом дар «Фатҳу-л-қадир» дар ин маврид анҷом дода ва Ибни Обидин дар «Радду-л-муҳтор», Зайлаъӣ дар «Табйину-л-ҳақоиқ», соҳиби «Дурру-л-мухтор» ва дигарон онро таъйид намудаанд, он аст, ки сокинони ин минтақаҳо барои анҷоми намозу рӯза ва дигар муносибатҳои динии худ бояд вақтро ба андозаи шабонарӯзи муқаррарӣ баршуморанд,[2] ба ин тариқ, ки ҳар бисту чаҳор соатро як шабонарӯз дониста, намоз, вақтҳои ибодатҳо ва дигар муносибатҳои динии худро бар асоси соат муайян намоянд.

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ низ дар нишасти нуҳуми худ дар шаҳри Маккаи мукаррама, ки дар таърихи 12-19 моҳи рақаби соли 1406 ҳ. баргузор гардид, масъалаи вақти намозу рӯза барои сокинони минтақаҳои воқеъ дар хатти баланди арзи ҷуғрофиёиро мавриди баррасӣ қарор дода, қарори зеринро ба тасвиб расонд:

1. Сокинони минтақаи якум, ки дар миёнаи арзи ҷуғрофиёии 45 ва 48 воқеъ шудааст, бо амал ба нусуси шаръӣ дар бораи вақти намозу рӯза ин ду фаризаро дар вақтҳои муқаррариашон ба ҷой ованд ва рӯзаро аз дамидани субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб бидоранд. Касе ба сабаби дарозии рӯзҳо аз гирифтан ва ё ба итмом расонидани рӯза оҷиз монад, онро бихӯрад ва дар вақти муносибе қазои онро ба ҷой оварад.

2. Сокинони минтақаи дуюм, ки дар миёнаи хатти арзи 48 ва 66 воқеъ шудааст, барои баргузории намози хуфтан ва бомдод бо қиёси нисбӣ ба вақти онҳо дар шаби наздиктарин минтақае, ки дар он нишонаҳои вақти ин ду намоз шинохта мешаванд, вақтеро муайян намоянд. Маҷ-

[1] Арз (عَرْض) -/ҳо/. геогр: ба маънои паҳно ва ё параллели ҷуғрофиёӣ аст ва он фосилаи ҷойгиршавӣ ва дурии ҳар минтақаро аз хатти истиво (экватор) мувофиқи дараҷаи параллели ҷуғрофиёии он ташкил медиҳад. Ибтидои параллели ҷуғрофиёӣ аз хатти истиво, яъне сифр шурӯъ гардида, он ба тарафи шимол ва ҷануб ба масофаи 90 дараҷа имтидод меёбад. Ба параллели ҷуғрофиёии болотар аз 65 дараҷа арзи баланд ва ба параллели ҷуғрофиёии воқеъ дар миёнаи паҳнои 30 ва 60 дараҷа арзи миёна мегӯянд.

[2] Ибни Ҳумом, Фатҳулқадир. – Ҷ. 1. – С. 420, 421; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 18, 19.

лиси Маҷмаъ хатти арзи 45-ро ба эътибори наздиктарин минтақа барои ин амр пешниҳод мекунад. Мас., агар вақти намози хуфтан дар хатти арзи 45 пас аз гузашти сеяки шаб сар шавад, пас сокинони минтақаи дуюм низ вақти намози хуфтанашонро ба он қиёс намоянд.

3. Дар минтақаи сеюм, ки болотар аз хатти арзи 66 то қутбҳо воқеъ гардидааст, тамоми вақтҳо бо қиёс ба вақтҳои замоние, ки дар хатти арзи 45 вуҷуд доранд, муқоиса ва муайян карда шаванд, ба ин тариқ, ки дар минтақаи миёнаи хатти 66 то қутбҳо ҳар бисту чаҳор соат як шабонарӯз эътибор карда шавад ва намозҳо дар он дар ҳамон вақтҳое, ки (дар он фасли сол) дар минтақаи хатти 45 вуҷуд дорад, ба ҷой оварда шаванд.

Агар дарозии шаб (дар он фасл) дар минтақаи хатти арзи 45 ҳашт соатро ташкил диҳад ва офтоб дар соати ҳашт ғуруб намояд ва соати ёздаҳ вақти намози хуфтан шавад, дар минтақаҳои болотар аз хатти арзи 66 низ ба ҳамин сурат ба ҷой оварда шавад. Агар субҳ дар хатти арзи 45 дар соати ду бидамад, дар минтақаи болотар аз хатти арзи 66 низ рӯзаи худро аз ҳамон соати ду сар кунанд ва онро то вақти ғуруб ба итмом расонанд.

Дар ин бора дар байни фақеҳон назари дигаре низ вуҷуд дорад, ки муқоиса ва муайян кардани вақти ибодатҳо ва дигар муносибатҳои диниро дар хатти арзи баланди ҷуғрофӣ бо вақтҳои онҳо дар сарзамини Макка ва Мадина ҷоиз медонад.

Ин амр бо қиёси масъала ба андозагирии замоние, ки дар ҳадиси расули Худо (с) маъруф ба ҳадиси Даҷҷол омадааст, сурат гирифтааст. Ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) дар бораи Даҷҷол сухан гуфт. Пурсидем: Эй расули Худо (с), дар рӯи замин чӣ қадар боқӣ мемонад? Гуфт: Чиҳил рӯз: рӯзе ба мисли соле, рӯзе ба мисли моҳе, рӯзе ба мисли ҳафтае ва дигар рӯзҳояш ба монанди рӯзҳои шумо ҳастанд. Пурсидем: Эй расули Худо (с), оё он рӯзе, ки ба мисли сол аст, дар он намозҳои як шабонарӯз моро кифоя мекунад? Фармуд: Не, (балки) барои он андозагирӣ ва вақт муайян намоед!…»***.[1]

Лозим ба ёдоварист, ки дар даврaҳои гардиши шаб ба рӯз ва рӯз ба шаб, ки дар минтақаи хатти арзи болотар аз 66 ҳудуди се моҳ ва ё бештар аз он ва дар минтақаҳои боз ҳам дуртар, ки ба қутбҳо мунтаҳӣ мешаванд, ҳудуди ду моҳ ва ё бештар аз он аст ва дар баҳор аз охирҳои моҳи феврал то моҳи апрел ва дар тирамоҳ аз моҳи август то октябр идома меёбанд, пас аз устувор гардидани низоми шабу рӯзи муқаррарӣ намозҳо дар вақтҳои муайяни худ гузорида мешаванд ва рӯзаи моҳи Рамазон низ ба таври маъмулӣ ба ҷой оварда мешавад.[2]

[1] Саҳеҳи Муслим, 7299 (2937)-110. Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № (2/12). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[2] Барои касби огоҳии бештар аз мавзӯъ ба китоби «Рӯзаи моҳи Рамазон», таълифи худи муаллиф мавзӯи «Намозу рӯза дар минтақаҳои қутбӣ» муроҷиат намоед.

Фасли ёздаҳум

САҶДАИ САҲВ

Саҷдаи саҳв воҷиб аст ва аз сӯи шаръ барои ҷуброни нақс (камбудӣ) ё зиёдатие[1] пешбинӣ шудааст, ки гоҳе аз рӯи ғафлати зеҳн, парешонии ҳавос ва ё фаромӯшхотирии намозгузор ба намоз ориз мегардад. Зеро мумкин аст намозгузор гоҳе воҷибе аз воҷибот ё ҳамаи воҷиботи намозро саҳван тарк намояд, ба ин тариқа, ки рукнеро[2] аз рукни дигар пештар адо кунад (мас., рукӯъро бар қироат муқаддам созад) ва ё рукнеро ду бор такрор намояд (мас., рукӯъро ду бор такрор намояд) ва ё ин ки воҷиберо тағйир диҳад (мас., он ҷо, ки ҷаҳр (баланд) хонда мешавад, хуфя (паст) бихонад ва ё воҷиберо тарк намояд (мас., қаъдаи аввалро тарк намояд).

Дар ин мавридҳо ва ҳамчунин дар дигар ҳолатҳое, ки намозгузор дар онҳо саҳв мекунад, бо анҷоми «саҷдаи саҳв» онро ҷуброн менамояд, ба ин тариқ ки намозгузор дар поёни ташаҳҳуди ахир, баъд аз салом ба тарафи рост,[3] ду саҷда ба ҷо оварда, сипас дубора ташаҳҳуд, салавот ва дуо хонда, салом медиҳад.[4]

Гар касе фарзро кунад таъхир,
Ё кунад тарки воҷиб аз тақсир.

Саҷдаи саҳвро чу соз кунад,
Ҷабри нуқсони он намоз кунад.

Эй мусаллӣ, ба ҳар ду даст салом,
Гӯй в-он гаҳ биёр саҷда тамом!

Лек он кас, к-ӯ имом бувад,
Ки ба сӯи рост як салом бувад.[5]

Ҳар яке саҳвро ду саҷда бас аст,
Шаръ омӯз гар туро ҳавас аст!

---

[1] Мурод аз зиёдатие, ки дар намоз пеш меояд, зиёдатӣ аз ҷинси он аст, ба мисли рукӯъ ва суҷуд. Аммо зиёдатӣ аз ғайри ҷинси намоз онро ботил мегардонад (ал-Биноя, шарҳул-Ҳидоя. – Ҷ. 2. – С. 722. – Бейрут: Дорулфикр, 1990).

[2] Рукни намоз ҷузъи асосӣ ва ҷудоинопазири он ба шумор меравад ва ба он фарз ҳам мегӯянд. Рукнҳои намоз иборатанд аз: қиём, қироат, рукӯъ, суҷуд ва қаъдаи ахир.

[3] Назди ҷумҳури фақеҳони мазҳаб намозгузор ба тарафи рост як салом медиҳад ва саҷдаи саҳвро ба ҷой меовард. Дар «Муҳит» онро савобтарин назар ва дар «Кофӣ» низ савоб донистаанд. Зеро ҳамон як салом барои фосила дар миёни асли намоз ва саҷдаи саҳв кифоя мебошад. Аммо ба ақидаи баъзе донишмандон, ҳамон тавре ки дар «Ҳидоя», «Муфид», «Янобеъ» ва шарҳи «Муня» омадааст, намозгузор дар саҷдаи саҳв ба ду ҷониб салом медиҳад. Зеро калимаи салом ҳам дар ривоятҳои ҳадис ва ҳам дар «Асл»-и имом Муҳаммад мутлақ омадааст ва он ба саломи комил, яъне ба ду тараф бармегардад (Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 3, бахши 7. – С. 164; Муҳит, 1843. – Ҷ. 2. – С. 306; Дур. – Ҷ. 2. – С. 652). Дар поварақии Ҳидоя пас аз нақли қавли соҳиби Ҳидоя овардааст: Дар Муҳит омадааст: Мебояд ба тарафи рост як салом диҳад. Ин қавли Кархӣ аст ва он савобтар аст ва Нахаъӣ низ ин қавлро гуфтааст (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 331; Биноя. – Ҷ. 2. – С. 728). Вале имрӯзҳо оммаи мардум дар кишвари мо ба қавли соҳиби Ҳидоя амал мекунанд ва танҳогузор барои саҷдаи саҳв ба ду тараф салом медиҳад.

[4] Ҳамон тавре ки мебинем, саҷдаи саҳв барои ба ислоҳ овардан ва ҷуброн намудани норасоие мебошад, ки дар аснои намоз барои намозгузор пеш меояд. Албатта, ин такмилаи ислоҳӣ дар мавқеиятҳое ба кор меояд, ки намозгузор саҳван ва аз рӯи фаромӯшӣ воҷибе аз воҷибот ва ё чандин воҷиберо аз воҷиботи намоз тарк намуда бошад. Воҷиботи намоз дар фаслҳои гузашта баён гардидаанд.

Танҳо ин нукта мондааст, ки риояи тартиби ҷо ба ҷой ва замонии рукнҳои намоз ва ҳифзи сурати ҷойгиршавии маконӣ ва замонии онҳо низ яке аз воҷиботи намоз мебошад. Бинобар ин, дар сурати такрори рукне ва ё пеш ё ақиб намудани рукне бар рукни дигар ҳамин тартиби маконӣ ва замонии рукнҳо халалдор мегардад ва он бо тарк гардидани воҷиб ба вуҷуд меояд.

Аз ин ҷост, ки дар натиҷаи такрори рукне, тақдим ва таъхири рукне бар рукни дигаре ё тарки воҷибе саҷдаи саҳв воҷиб мегардад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Барои ҳар саҳве ду саҷда аст пас аз салом додан»*** (Сунани Абудовуд, 1038; Сунани Ибни Моҷа, 1219).

[5] Пеш аз ин гуфта шуд, ки қавли роҷеҳ назди аимаи мазҳаб он аст, ки барои саҷдаи саҳв як салом ба сӯи рост ҳам имом ва ҳам танҳогузорро кифоя аст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки агар воҷиберо қасдан тарк намояд, гунаҳкор мегардад ва бояд намозашро аз сар хонад. Ин мавриди мавриди саҷдаи саҳв нест ва бо он ҷубронаш натавон кард.

АҲКОМИ САҶДАИ САҲВ

Ҳар гоҳ имом дар намоз саҳв намояд, саҷдаи саҳв ҳам барои имом ва ҳам барои намозгузор (муқтадӣ) воҷиб аст, вале агар имом саҷдаи саҳвро анҷом надод, муқтадӣ низ бояд имомро пайравӣ кунад. Ҳар гоҳ муқтадӣ дар намоз саҳв намояд, саҷдаи саҳв на барои худи ӯ ва на барои имом воҷиб намегардад.

Ҳар имоме, ки муҳтадӣ бошад,
Саҳви ӯ саҳви муқтадӣ бошад.

Муқтадиро чу саҳв афтодаст,
Саҷдаи саҳви ӯ на муътод аст.[1]

Саҳви ӯро имом баргирад,
Тоаташро Худой бипазирад!

Касе, ки аз рӯи саҳв дар қаъдаи аввал (дар намозҳои чаҳор ва ё серакъатӣ) нанишаст, агар қабл аз қиём ба ёдаш омад, дар сурате ки ба нишастан наздиктар бошад, ба қаъда баргардад ва намозашро идома диҳад ва барои ӯ саҷдаи саҳв лозим нест. Вале агар баъд аз қиём ё дар ҳолате, ки ба қиём наздиктар аст, ба ёдаш омад, дар ин сурат ба қаъда барнагашта, ба намозаш идома диҳад ва сипас дар охир адои саҷдаи саҳв бар вай воҷиб аст.

Ҳар гоҳ дар қаъдаи ахири намозҳои дуракъатӣ ё серакъатӣ ва ё чаҳорракъатӣ саҳван нанишаст ва бархост, дар ин ҳолат то вақте ки ба саҷда нарафтааст, ба қаъда баргардад ва бояд саҷдаи саҳв намояд. Аммо агар ба саҷда рафта бошад, намози фарзаш ботил мегардад ва бояд бо зиёд кардани ракъати шашум, агар намозаш чаҳор ракъатӣ бошад, намозашро ба нафл табдил намояд ва намози фарзи худро бояд аз сар бихонад. Намози серакъата, ки он танҳо намози шом аст, бо он ракъат ба чаҳор ракъат мерасад ва ҳар чаҳораш ба нафл табдил меёбанд.

Илова кардани ракъати дигаре зарурат надорад, вале барои он ки намозашро лоақал ба нафл табдил диҳад, хуб аст. Намози дуракъата, ки намози бомдод мебошад, дар ин сурат ботил мегардад, зеро дар он вақт нафл низ ҷоиз намебошад.

Агар дар қаъдаи ахир (дар намозҳои серакъатӣ ва ё чаҳорракъатӣ) нишаст ва ташаҳҳуд хонд ва сипас ба гумони ин, ки ракъати дуюм аст, бархост ва баъд ба ёдаш омад, дар он сурат то вақте ки ба саҷда нарафтааст, ба қаъдааш баргардад ва саҷдаи саҳв намояд ва намозаш дуруст аст ва агар ба саҷда рафта бошад, дар ин ҳолат низ намози фарзаш саҳеҳ (дуруст) ва тамом аст, танҳо ин ки бояд ракъати шашумро (агар намозаш чаҳорракъатӣ бошад) ва панҷумро (агар намозаш серакъатӣ бошад) ба он афзуда, саҷдаи саҳв намояд ва ду ракъати изофии он нафл хоҳад буд.

Касе дар намозаш шак кунад ва надонад, ки чанд ракъат хондааст, агар ин амр аввалин бор бошад, намозашро қатъ намуда, аз сари нав бихонад. Вале агар то кунун ин ҳолат (шак кардан) барояш бисёр пеш омада бошад, бояд ба ғолиби гумони худ амал намояд. Мас., дар намози пешин (зуҳр) шак кунад ва надонад, ки се ракъат хондааст ё чаҳор ракъат, дар ин ҷо бубинад, ки ғолиби гумонаш бар чист. Агар ғолиби гумонаш бар ин бошад, ки чаҳор ракъат хондааст, бояд ба қаъда бинишинад ва саҷдаи саҳв лозим намегардад, вале агар ғолиби гумонаш бар ин бошад, ки дар ракъати сеюм аст, бояд ракъати чаҳорумро бихонад ва саҷдаи саҳве лозим наояд.

Дар масъалаи шак намудани намозгузор, ки чанд ракъат гузоридааст ва ғолиб омадани гумонаш бар яке аз ҷонибҳои мавриди шак, фуқаҳо (донишмандони илми фиқҳ) се нуқтаи назари фиқҳӣ доранд. Яке ҳамон ки баён гардид, яъне саҷдаи саҳв воҷиб нест. Дуюм он ки саҷдаи саҳв воҷиб мебошад[2] ва сеюм он

[1] Барои саҳви муқтадӣ дар урф – меъёрҳои маъмули шаръ саҷдае пешбинӣ нашудааст, балки он муоф ва бардошта аст; саҳви муқтадӣ дар урфи шаръ эътиборе надорад.

[2] Шореҳи «Қудурӣ» назари дуюми фақеҳонро дар мавриди шак намудани намозгузор дар адади ракъатҳои гузоштааш ва қарор гирифтани ғолиби гумонаш бар чизе тарҷеҳ медиҳад. Вай бо истинод ба ҳадиси саҳеҳ ва муттафақун алайҳе, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ба таври марфӯъ онро ривоят мекунад, назари «Фатҳул-қадир»-ро дар ин масъала тарҷеҳ дода, мегӯяд: «Он чӣ дар «Фатҳ» омадааст, дуруст аст, зеро ҳадиси саҳеҳ ва муттафақун алайҳ онро таъйид мекунад».

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) марфуъан омадааст: *«Расули Худо (с) (боре) намози пешинро панҷ ракъат гузорид. Гуфтанд: Эй расули Худо (с), оё дар намоз чӣ дигар-*

ки агар то ғолиб омадани гумонаш бар ҷонибе муддате ба фикр фурӯ равад, саҷдаи саҳв воҷиб мегардад ва ҳангоме ки чунин ҳолате пеш наояд, коре, ки мӯҷиби саҷдаи саҳв аст, содир нашудааст то саҷдаи саҳв лозим ояд.

Ва аммо агар гумонаш бар чизе ғолиб наояд, он гоҳ биноро бар камтарин миқдор бигузорад. Мас., дар намози пешин агар шак кунад ва надонад, ки ду ракъат хондааст ё се ракъат ва ё чаҳор ракъат, бояд биноро бар ду ракъат бигузорад ва ба намози худ идома диҳад ва дар охир саҷдаи саҳв намояд.

Вале бояд ба ин нуқта таваҷҷуҳ дошта бошад, ки он ҷо ки биноро бар камтарин миқдор мегузорад, бояд дар ҳар ҷое эҳтимол дорад мавзеъи қаъда бошад, бинишинад. Мас., дар намози пешин агар байни ракъати аввал ва дуюм шак кунад ва надонад, ки дар ракъати аввал қарор дорад ё дар дуюм, биноро бар ракъати аввал, ки камтарин миқдор аст, қарор диҳад ва пас аз он ба қаъда бинишинад, зеро мумкин аст, ракъати дуюм бошад, ки қаъда дар он воҷиб аст ва баъд бархоста ракъате бихонад, пас аз он боз ба қаъда бинишинад, зеро ки бар асоси бинои мо ракъати дуюм аст, ки қаъда дар он воҷиб мебошад.

Сипас бархоста ракъати дигаре бихонад ва пас аз он боз ба қаъда бинишинад, зеро эҳтимол дорад, ки ракъати чаҳорум бошад ва пас аз он бар асоси бино, боз ракъати охирро хонда ва ба қаъдаи ахир бинишинад. Намозҳои серакъатӣ низ ба ҳамин қиёс аст.

ТАФСИЛИ МАСОИЛЕ АЗ САҶДАИ САҲВ

1. Агар ба фаромӯшӣ фарзе аз фароизи намозро тарк намояд, намозаш дуруст намегардад, бояд намозашро аз сар бигузорад. Тарки фарз бо ҳеҷ чиз ҷуброн намегардад. Ин воҷиботи намоз ҳастанд, ки тарки онҳо аз рӯи саҳву фаромӯшӣ бо саҷдаи саҳв ҷуброн мегарданд.

2. Агар бо фаромӯшӣ пеш аз салом додан саҷдаи саҳвро ба ҷой оварад ва «Аттаҳиёт», дурудҳо ва дуоҳоро хонда салом диҳад, намозаш тамом мегардад ва ҳеҷ боке надорад.

3. Агар хондани «Алҳамд»-ро фаромӯш кунад ё сураи дигареро пеш аз *«Алҳамд»* хонад, саҷдаи саҳв воҷиб мегардад.

4. Агар дар ду ракъати аввал замми сура накунад, дар ду ракъати охир замми сура кунад. Агар дар як ракъат замми сура накунад, дар ду ракъати охир зам кунад. Агар дар ҳар чаҳор ракъат замми сура накард, бояд саҷдаи саҳв намояд. Дар ду сурати гузашта низ саҷдаи саҳв намояд.

5. Дар тамоми ракъатҳои намозҳои суннат, нафл ва воҷиб, зам намудани сурае бар «Алҳамд» воҷиб аст. Агар дар як ракъате аз ин се навъ намоз замми сура накунад, саҷдаи саҳв бар вай воҷиб мегардад.

6. «Алҳамд»-ро хонда ва пас аз он дар фикр афтад, ки кадом сураро бихонад, агар ҳолати тафаккури вай чандон тӯлонӣ гардад, ки гунҷоиши се бор «Субҳоналлоҳ» гуфтанро дошта бошад, саҷдаи саҳв бар вай воҷиб мегардад.

7. Агар дар ракъати охир пас аз хондани «Аттаҳиёт» ба шак афтад, ки се ракъат гузорида бошад ё чаҳор ракъат ва дар ҳамин фикр ба андозаи се бор «Субҳоналлоҳ» гуфтан хомӯш нишинад, он гоҳ ба ёдаш ояд, ки чаҳор

гуние пеш омадааст? Пурсид: Чӣ дигаргунӣ? Гуфтанд: Намозро чунин гузоштӣ! Расули Худо (с) пойҳояшро гардонида, ба сӯи қибла баргашт ва ду саҷда намуда, пас аз он салом дод.

Вақте ба мо рӯй овард, фармуд: Агар дар намоз чӣ дигаргуние рӯй диҳад, ман ҳатман, шуморо аз он хабар менамоям, вале ман ҳам ба мисли шумо одам мебошам (ва) ба монанди шумо фаромӯш мекунам. Вақте чизеро фаромӯш кардам, онро ба ёдам оваред. Ҳар гоҳ касе аз шумо дар намозаш шак кард, бояд дар мавриди ёфтани (ҷониби) савоб, диққат ба харҷ дода (таҳарро намояд) ва намозашро мутобиқи он ба поён расонад. Пас аз он салом дода, ду саҷда кунад» (Саҳеҳи Бухорӣ, боби: Рӯй овардан ба ҷониби қибла дар ҳар ҷо ки бошад, 401, 404, 1226, 6671, 7249; Саҳеҳи Муслим, 1274 (572)-89, 90, 1275, 1276, 1277, 1278, 1279, 1280; Сунани Абудовуд, 1020; Сунани Насоӣ, 1240, 1241, 1242, 1243; Сунани Ибни Моҷа, 1211, 1212).

Дар мавриди қайди тӯлонӣ шудани тафаккур ва тааммули намозгузор дар воҷиб гардидани саҷдаи саҳв дар чунин ҷое нас (далеле аз суннат) вуҷуд надорад. Яъне дар мавриди боло бар асоси ҳадиси мазкур, хоҳ то ғолиб омадани гумонаш бар чизе муддати тааммулаш тӯлонӣ гардад ва ё не, дар ҳар ду сурат саҷдаи саҳв воҷиб мегардад.

Дар мавриди тӯлонӣ шудани тааммулаш, ки боиси ба таъхир афтодани рукне гардад, дар дигар мавқеъҳо низ, ки баён гардидаанд, саҷдаи саҳв воҷиб мегардад (Шарҳи Қудурӣ. – С. 71, 72. Ғуломуддини Панҷшерӣ, Шарҳи Қудурӣ (тарҷимаи форсии «Ат-тасҳилу-з-зарурӣ»). – Мадинаи мунаввара, 2003. Минбаъд: Шарҳи Қудурӣ).

ракъат хондааст, дар ин сурат низ саҷдаи саҳв бар вай лозим мегардад.

8. Агар намозгузор пас аз хондани «Алҳамд» ва замми сура ба фикр фурӯ равад ва ба фикр фурӯравии ӯ ба андозаи се тасбеҳ тӯл кашад, саҷдаи саҳв бар вай воҷиб мегардад. Ҳамчунин, ҳангоми қироат ё дар қаъдаи ахир ё дар миёнаи ду саҷда ба фикр фурӯ равад, дар тамоми ин мавридҳо саҷдаи саҳв бар вай лозим мегардад.

9. Дар намозҳои серакъатӣ ва ё чаҳорракъатӣ, агар дар қаъдаи аввал «Аттаҳийёт»-ро ду бор ё дурудро то «ъало Муҳаммадин» ба фаромӯшӣ хонад, он гоҳ ба ёдаш ояд, ки бояд бархезад, бархоста намозашро пурра созад ва дар охир саҷдаи саҳв намояд.

10. Дар намозҳои нафл ё суннат, агар дар қаъдаи аввал пас аз «Аттаҳийёт» дурудҳоро низ хонад, саҷдаи саҳв лозим намегардад, вале агар «Аттаҳийёт»-ро такроран хонад, саҷдаи саҳв бар вай воҷиб мегардад.

11. Агар дар қаъда аз рӯи фаромӯшӣ ба ҷои «Аттаҳийёт» дуои дигаре ё сураи «Алҳамд»-ро хонад, саҷдаи саҳв барояш лозим мегардад.

12. Агар ба ҷои «Субҳонакаллоҳумма» дар оғози намоз дуои қунутро хонад ё дар ду ракъати охир ба ҷои «Алҳамд» дуои қунутро хонад, саҷдаи саҳв бар вай лозим мегардад, зеро онро бемаҳал ва дар ғайри мавзеи пешбинишудааш хондааст.

13. Дар намози нафл, агар қаъдаи аввалро фаромӯш кард ва бархост, то вақте барои ракъати сеюм саҷда накарда бошад, баргардад ва агар барои ракъати сеюм саҷда кард, ракъати чаҳорумро низ бихонад ва дар ҳар ду сурат саҷдаи саҳв бар ӯ воҷиб мешавад.

14. Агар дар намоз рӯи ҳам чанд саҳв кунад, ки ҳар як ба танҳоӣ саҷдаи саҳвро муҷиб мегардад, барои ҳамаи онҳо як саҷдаи саҳв кифоя мекунад.

15. Агар пас аз саҷдаи саҳв амале кунад, ки боз мӯҷиби саҷдаи саҳви дигар гардад, мас., пас аз саҷдаи саҳв ба ҷои «Аттаҳийёт» «Алҳамд»-ро хонад, ҳамон саҷдаи саҳви аввалӣ кифоя бошад.

16. Агар саҷдаи саҳвро фаромӯш кунад ва ба ҳар ду тараф салом диҳад ва намозро тамом кунад, лекин ҳанӯз дар ҷои худ нишаста ва рӯяшро аз қибла нагардонида бошад ва бо касе ҳам ба суҳбат надаромада бошад, ҳоло ҳам саҷдаи саҳвро ба ҷой оварад, агарчи зикр ё дуруд хонда бошад.

17. Бар шахсе саҷдаи саҳв воҷиб гашта бошад, вале қасдан ба ҳар ду тараф салом дода ва ният кунад, ки саҷдаи саҳвро ба ҷой намеоварад, бо вуҷуди ин ҳама, то вақте, ки амали хилофи намоз анҷом надода бошад, метавонад саҷдаи саҳвро ба ҷой оварад.

18. Агар касе дар намози серакъатӣ ё чаҳорракъатӣ аз рӯи фаромӯшӣ дар қаъдаи аввал салом дод, он гоҳ ба ёдаш омад, ки ҳанӯз қаъдаи якум аст, то вақте аз вай амали хилофи намоз – ҳамчун суҳбат кардан ё чизе хӯрдан – сар назада бошад, бархеста намозашро тамом созад ва дар охир саҷдаи саҳвро ба ҷой оварад.

19. Шахсе дар намози витр ба шак афтод, ки дар ракъати дуюм аст ё сеюм ва ҳар ду тарафи гумонаш баробар бошад, биноро бар камтарин миқдор ниҳода, дар ҳамон ракъат «дуои қунут»-ро бихонад, пас аз он нишаста, «Аттаҳийёт»-ро бихонад, он гоҳ бархоста, як ракъати дигар бигузорад ва дар он ҳам «дуои қунут»-ро бихонад ва дар охир саҷдаи саҳвро ба ҷой оварад.

20. Агар касе дар ракъати якум ё дуюми витр ба фаромӯшӣ «дуои қунут» хонад, онро эътибаре нест, дар ракъати сеюм «дуои қунут»-ро аз сар бихонад ва дар охир саҷдаи саҳв намояд.

21. Агар дар намози витр ба ҷои «дуои қунут» «Субҳонака-л-лоҳумма»-ро хонад, он гоҳ ба ёдаш ояд, «дуои қунут»-ро бихонад ва саҷдаи саҳв бар вай воҷиб намешавад. Ҳамин тавр, агар баъд аз хондани «Субҳонака-л-лоҳумма» «дуои қунут» ба ёдаш наояд ва ба рукӯъ равад, дар ин ҳолат низ саҷдаи саҳв бар вай лозим намешавад.

22. Агар дар ду ракъати охири фарз баъд аз сураи «Алҳамд» сураи дигаре ҳам хонад, боз ҳам саҷдаи саҳв бар вай лозим намешавад.

23. Бо тарки суннатҳои намоз, монанди хондани «Субҳонака-л-лоҳумма» ё тасбеҳоти рукӯъу суҷуд ва ғайра ё аз рӯи фаромӯшӣ бошад ва ё ба қасд, саҷдаи саҳв лозим намешавад.

Фасли дувоздаҳум

САҶДАИ ТИЛОВАТ

Дар чаҳордаҳ (14) сураи Қуръон ояти саҷда аст. Ҳар гоҳ шахсе яке аз он оятҳоро бихонад ва ё онро аз дигаре бишунавад, чӣ қасди шунидани онро дошта бошад, ё не, баъд аз тамом шудани он оят, бояд фавран саҷда кунад.

Сураҳое, ки ояти саҷда доранд, иборатанд аз: 1. Сураи Аъроф, 2. сураи Раъд, 3. сураи Наҳл, 4. сураи Исро, 5. сураи Марям, 6. сураи Ҳаҷ, 7. сураи Фурқон, 8. сураи Намл, 9. сураи Алиф Лом Мими саҷда, 10. сураи Сод, 11. сураи Ҳо Мими саҷда, 12. сураи Наҷм, 13. сураи Иншиқоқ, 14. сураи Алақ. Дар мусҳафҳо (китобҳои Қуръон) оятҳои саҷда аломат ва нишонагузорӣ шудаанд.

Саҷдаи тиловат як саҷда аст, ки миёни ду такбири маснун ба ҷой оварда мешавад ва тамоми ҳолоти саҷдаи намоз бояд дар он таҳаққуқ ёбанд. Мустаҳаб аст, ки аз қиём ба саҷда равад ва пас аз он боз қиём кунад, вале дар он бардоштани дастҳо (чуноне барои таҳримаи намоз бардошта мешавад), ташаҳҳуд ва саломе вуҷуд надорад.

Тарзи анҷом додани саҷдаи тиловат ин аст, ки такбир – «Аллоҳу акбар»-гӯён ва бе он ки дастонашро бардорад, ба саҷда меравад ва як саҷда ба ҷой меоварад ва боз такбиргӯён сарашро аз саҷда мебардорад.

Тамоми шартҳое, ки барои вуҷуб (фарзият)-и намоз пешбинӣ шудаанд, барои саҷдаи тиловат низ собит ва муътабар ҳастанд, ба монанди: мусулмон будан, булуғ, ҳушёр будан, аз ҳайзу нифос пок будан. Бинобар ин, саҷдаи тиловат бар кофир, ноболиғ, девона, ҳоиз ва нуфасо воҷиб намебошад. Ҳар чизе, ки барои адо ва сиҳҳат (дуруст гардидан)-и намоз шарт аст, ба монанди вузӯ, пок будан аз ҷанобат, ҷои пок, ҷомаи пок ва рӯй ба қибла, барои саҷдаи тиловат низ шарт мебошанд, ба ҷуз таҳрима ва нияти таъйин, ки дар саҷдаи тиловат шарт нестанд.

Саҷдаи тиловат бо саҷда ё рукӯъи намоз, агар фавран пас аз тиловати ояти саҷда ё ду се ояти баъди он[1] анҷом дода шаванд, ба ҷой меояд, гарчи намозгузор нияти онро накарда бошад. Агар онро фавран пас аз тиловати ояти саҷда ё пас аз тиловати ду се ояти баъди он дар охири сура анҷом надиҳад, пас саҷдаи тиловат бо саҷда ва рукӯъи намоз вақте адо меёбад, ки нияти онро низ карда бошад. Саҷдаи тиловат ҳамчунин бо саҷда ё рукӯъи иловае ғайр аз саҷда ва рукӯъи намоз ба ҷой оварда мешавад ва ин афзал аст. Саҷда кардан дар он асл аст ва рукӯъи намозгузор барои саҷдаи тиловат бадал ва ҷонишини саҷда аст ва ба ҷой овардани асл – саҷда авлотар аст. Дар сураҳое, ки бо саҷда ё рукӯъи намоз фаврияти саҷдаи тиловат низ таҳаққуқ меёбад, фуқаҳо авло донистаанд, ки имом онро бо ҳамон саҷда ё рукӯъи намоз якҷо анҷом диҳад, то муқтадиёни авом парешон ва сардаргум нагарданд.

АҲКОМИ САҶДАИ ТИЛОВАТ

Одам, чӣ дар намоз бошад, чӣ берун аз намоз, бо хондан ё шунидани ояти саҷда, саҷдаи тиловат бар вай воҷиб мегардад.

Ҳар гоҳ имом ояти саҷдаро, чӣ ба таври ҷаҳрия (баланд) ва чӣ хуфя (паст), тиловат

[1] Мурод аз рукӯъи бетаваққуф ё фаврияти рукӯъ ва саҷда пас аз тиловати ояти саҷда дар намоз он аст, ки агар баъд аз ояти саҷда дар он сура бештар аз се оят монда бошад, ба тиловати онҳо напардозад ё агар се оят ё камтар аз он монда бошад, ба сураи дигар нагузарад, балки барои саҷдаи тиловат ба рукӯъ ё саҷда равад, зеро тиловати он миқдор оятҳо пас аз ояти саҷда миёни рукӯъ ё саҷдаи тиловат ва тиловати ояти саҷда фосила эҷод мекунад ва фаврияти онро аз байн мебарад. Аммо тиловати ду се ояти пас аз он, ки барои итмоми он сура қироат мешаванд, фосила ба ҳисоб намеоянд, ба мисли сураи Иншиқоқ, ки пас аз ояти саҷда то поёни сура се ояти дигар боқӣ мемонад.

карда, барои он саҷда намояд, муқтадӣ низ ҳамроҳи ӯ он саҷдаро ба ҷо меоварад. Агар муқтадӣ (иқтидокунанда ба имом) ояти саҷдаро хонад, саҷда на бар худи ӯ, на бар имом ва на ба муқтадии дигар воҷиб намешавад, зеро вай тобеи имом ва аз қироат маҳҷур аст.

Касе, ки ба имом дертар иқтидо кардааст, вақте аз имом ояти саҷдаро бишнавад, агар пеш аз хондани саҷдаи тиловат ба имом иқтидо карда бошад, бо ҳамроҳии имом саҷда намояд ва агар баъд аз адои саҷдаи тиловат дар ҳамон ракъате, ки дар он ояти саҷдаро хондааст, бо ӯ иқтидо карда бошад, саҷда бар ӯ лозим нест. Вале агар дар ракъати баъдӣ ба ӯ иқтидо кунад, бояд баъд аз намоз саҷда намояд, зеро саҷдаи тиловат бар вай пеш – дар хоричи намоз воҷиб гардидааст.

Ҳар гоҳ намозгузор ояти саҷдаро аз касе, ки дар намоз бо ӯ нест, бишнавад, бояд баъд аз хондани намоз саҷдаи тиловатро ба ҷо оварад. Агар дар намоз барои он саҷда намояд, бароях кифоя намекунад, бояд пас аз намоз онро ба ҷой оварад. Аммо он саҷдаи зиёдатӣ намозашро фосид намегардонад. Саҷдаи тиловат бар шахсе, ки дар беруни намоз ояти саҷдаро аз намозгузорон бишунавад, низ воҷиб мегардад.

Ҳар гоҳ намозгузор дар намоз ояти саҷдаро бихонад, бояд фавран барои он саҷда кунад ва агар фавран саҷда накард, бояд то вақте ки дар намоз аст, қазои онро ба ҷо оварад ва *баъд аз намоз қазои он анҷом дода намешавад*. Миқдори фаврияте, ки дар он саҷдаи тиловатро дар намоз бояд ба ҷой оварад, ба андозаи хондани се оят пас аз он аст.

Аммо дар беруни намоз ба ҷой овардани саҷдаи тиловат ба сурати фаврӣ воҷиб нест. Ҳар вақте имкон дошта бошад, онро ба ҷой меоварад, вале бе сабаб ба таъхир андохтани он макрӯҳи танзеҳӣ мебошад.

Агар дар намоз сураеро бихонад, ки ояти саҷда дар охири он аст, метавонад ба рукӯъ ва сипас ба саҷда биравад ва саҷдаи намоз ба ҷои саҷдаи тиловат кифоя мукунад ва агар бе рукӯъ мустақиман ба саҷда равад ва саҷдаи тиловатро ба ҷо оварад ё барои он рукӯъе ғайр аз рукӯъи намоз кунад, бояд бархезад (ба қиём баргардад) ва чанд ояте аз оятҳои боқимонда ё аз сураи баъдӣ қироат кунад ва ба намозаш идома диҳад.

Агар як ояти саҷдаро дар як маҷлис (нишаст) чанд бор такрор намояд, анҷоми як саҷдаи тиловат барои ҳамаи он кифоят менамояд, хоҳ дар охир саҷда кунад, ё ин ки барои навбати аввал саҷда намояд ва баъд аз он чанд бор он ояти саҷдаро тиловат кунад. Дар ҳар ду сурат ҳамон як саҷда барои ҳамааш кифоят бошад.

Агар дар як нишаст чанд ояти саҷда аз сураҳои гуногун хонда шавад, барои ҳар оят саҷдаи ҷудогона лозим мегардад. Агар нишастҳо гуногун ва ҷудогона бошанд ва дар тамоми онҳо як ояти саҷда тиловат шавад ҳам, барои ҳар як нишаст саҷдаи алоҳида воҷиб мегардад.

Саҷдаи тиловат бар кӯдак, девона ва шахси хобида ва ҳамчунин бо шунидани ояти саҷда аз радио, телевизион ва дигар асбобҳои забти савт воҷиб намегардад. Фақеҳони киром онро ба монанди садои паррандагони таълимпазир ва акси садои кӯҳу водӣ зикр кардаанд, зеро дар сурати шунидани ояти саҷда аз онҳо саҷда воҷиб намегардад, вале агар гузориш ва пахши мустақими радиоӣ ва ё телевизионӣ бошад, дар он ҳолат бо шунидани ояти саҷда саҷдаи тиловат воҷиб мегардад.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ САҶДАИ ТИЛОВАТ

1. Ҳамон гуна ки гуфта шуд, саҷдаи тиловат ҳам бар хонанда ва ҳам бар шунаванда воҷиб мешавад, хоҳ қасди шунидани онро дошта бошад, ё не. Бинобар ин, дар ҷое, ки имкон дорад шунавандагон саҷдаи тиловатро ба ҷой нахоҳанд овард, беҳтар аст ояти саҷдаро оҳиста бихонад, то бар дигарон воҷиб нашавад.

2. Агар бар зиммаи касе саҷдаи тиловати зиёде воҷиб гардида бошад, бояд онҳоро бо мурури вақт ва кам-кам ба ҷой оварад. Агар чунин накунад, гунаҳкор мегардад.

3. Агар ояти саҷдаро дар ҳолати ҷанобат ҳам шунавад, бар вай саҷдаи тиловат воҷиб мешавад. Баъд аз ғусл гирифтан бояд саҷдаи тиловатро ба ҷой оварад.

4. Агар дар вақти ранҷурӣ ояти саҷдаро шунавад ва тавони саҷда карданро надошта бошад, бо ишора саҷда намояд.

5. Пас аз хондани ояти саҷда дар намоз, агар фавран ба рукӯъ равад ва дар рукӯъ ният кунад, ки ба ҷои саҷдаи тиловат рукӯъ мекунам, саҷда адо меёбад, вале агар дар рукӯъ ин ни-

ятро накунад ва ба сӯда равад, сӯдаи тиловат низ бо ҳамон сӯдаи намоз адо меёбад, хоҳ нияти онро карда бошад, ё не.

6. Агар касе нишаста ояти сӯдаро тиловат кунад, он гоҳ аз ҷой бархоста, онро такрор намояд, як сӯда воҷиб мешавад, вале агар чанд қадам роҳ равад ва пас аз он ояти сӯдаро хонад, ду сӯда воҷиб мешавад.

7. Агар касе нишаста ояти сӯдаро хонад, сипас бархоста, аз пайи коре шавад ва пас аз муддате дубора баргашта, дар ҳамон ҷои аввал боз ҳамон ояти сӯдаро хонад, ду сӯдаи тиловат бар вай воҷиб мешавад.

8. Агар касе ояти сӯдаро тиловат кунад, пас аз он дар ҳамон ҷо машғули коре шавад, ба монанди: хӯрдан, ошомидан, либос пӯшидан ва ғ. он гоҳ бори дигар ояти сӯдаро хонад, ду сӯдаи тиловат бар вай воҷиб мешавад, зеро машғул шудан ба коре ҳукми тағйири маконро дорад.

9. Агар дар як гӯшаи хона ояти сӯдаро хонад ва баъд аз он ба гӯшаи дигари хона рафта, он оятро такрор намояд ё бар як шохи дарахт ояти сӯдаро хонад ва баъд аз он ба шохи дигаре гузашта он оятро дубора такрор кунад, як сӯдаи тиловат бар вай воҷиб мешавад. Вале агар дар ҷои кушодае, ба монанди саҳни хона бошад, чун аз ин гӯша ба он гӯша дар ҳаракат бошад ва дар ҳар гӯшае ояти сӯдаро ба такрор хонад, ҳар гӯша ҳукми ҷои ҷудогонаро дорад. Бинобар ин, чанд боре, ки дар ҳар гӯшаи саҳн ояти сӯдаро тиловат намояд, ба ҳамон андоза сӯдаи тиловат бар вай воҷиб мешавад.

Дар ин ҷо назари дигаре низ вуҷуд дорад, ки гузаштан аз як шохи дарахт ба шохи дигарашро тағйир хӯрдани макон медонад. Бинобар ин, бар хондан ё шунидани ояти сӯда дар ҳар шохе сӯдаи ҷудогона лозим меояд, ҳамон гуна ки рафтани карбосбоф ва дигар кормандони сари дастгоҳҳо аз як тарафи дастгоҳи бофандагӣ ба тарафи дигараш тағйири макон ба шумор меравад.

10. Дохили масҷид дар ҳукми як ҷой аст, яъне дар ҳар ҷое аз гӯшаҳои масҷид ояти сӯдаро бихонад, як сӯда воҷиб мешавад, чӣ тавре гӯшаҳои хона дар ҳукми як макон мебошанд.

11. Агар шахсе ояти сӯдаро тиловат кунад ва ҳанӯз сӯда накарда дар ҳамон ҷой нияти намоз намояд ва ҳамон оятро дар намоз боз тиловат кунад, вақте дар намоз сӯдаро ба ҷой оварад, барои ҳар ду кифоя бошад. Вале агар ҷояшро иваз намояд ё баъд аз тиловат дар беруни намоз сӯда кунад, он гоҳ ба намоз шурӯъ намояд ва ҳамон оятро дар намоз хонад, бори дигар сӯдаи тиловат бар вай воҷиб мешавад.

12. Агар хонанда дар маконе собит бошад ва шунаванда ҷои худро тағйир диҳад, бар хонанда як сӯда ва бар шунаванда чанд сӯдаи тиловат воҷиб мешавад. Агар хонанда тағйири макон диҳад ва шунаванда дар ҷое собит бошад, бар хонанда чанд сӯдаи тиловат ва бар шунаванда як сӯда воҷиб мешавад.

13. Хондани тамоми сура ва тарки ояти сӯда макрӯҳ аст ва баръакс, яъне тарки тамоми сура ва хондани ояти сӯда ишколе надорад, вале агар ин корро дар намоз анҷом диҳад, бояд ояти сӯда ба андозаи се ояти кӯтоҳ дароз бошад.

Фасли сездаҳум

НАМОЗИ БЕМОР

Одамӣ гоҳе ба беморӣ ва заъфи ҷисмонӣ гирифтор мешавад ва аз анҷоми намоз бо тартиби пешбинишуда аз сӯи шаръ комилан ва қисман оҷиз мегардад. Имрон ибни Ҳусайн (рз) мефармояд, ки (бемории) бавосир доштам, аз расули Худо (с) пурсидам, фармуд: ***«Истода ва бо қиём намоз бигузор, агар натавонистӣ, пас нишаста ва агар онро ҳам натавонистӣ, пас бар паҳлӯят – хобида (ва бо ишора намоз бигузор)!»***.[1] Бинобар ин, вақте аз адои он комилан оҷиз гардад ва бо ҳеҷ узве, ба ҷуз ишораи чашм, натавонад амалан онро ба ҷой оварад, намозро муваққатан ба таъхир меандозад. Аммо вақте аз анҷоми баъзе аркон ва воҷиботи он оҷиз гардад, пас онро ба тартиби зайл ба ҷой меоварад:

1. Касе, ки ба сабаби беморӣ ва ё тарси зиёд шудани беморӣ натавонад намозашро истода (бо қиём) бихонад, бояд нишаста бо рукӯъ ва суҷуд намоз бихонад, агарчи беморӣ дар вақти намоз барои намозгузор пайдо шуда бошад. Ва агар ба рукӯъ ва саҷда ҳам қодир набошад, нишаста рукӯъ ва суҷудашро бо ишораи сар анҷом диҳад. Танҳо ин, ки дар суҷуд сарашро андаке бештар аз рукӯъ поин намояд ва лозим нест чизеро аз замин баланд карда ва ба он саҷда намояд.

2. Касе қодир ба рукӯъ ва саҷда набошад, вале намозро истода бо ишора метавонад ба ҷой оварад, беҳтар аст, ки нишаста ва рукӯъу суҷудашро ҳам бо ишора анҷом диҳад ва ҳар гоҳ ба нишаста намоз хондан қодир набошад, метавонад бар паҳлӯ рӯ ба қибла хобида бо ишора намоз бигузорад ва ё ин ки пойҳояшро ба сӯи қибла қарор дода, бар пушт бихобад ва бо ишора намозашро адо намояд ва ин дуюмӣ беҳтар аст. То ин марҳала набояд намозро дар ҳеҷ ҳолате тарк намояд.

Вале агар бар ишора кардани бо сар низ қодир набошад, ҷоиз нест, ки бо ишораи чашм ё абрӯ ва ё бо қалби (дил) худ намоз бигузорад, балки бояд намозашро ба таъхир (дертар) андозад.

3. Агар қисмате аз намозашро бо ишора адо намояд ва сипас дар вақти намоз аз беморӣ сиҳат ёфта, ба рукӯъу суҷуд қодир гардад ё битавонад нишаста рукӯъу суҷуд намояд, намозашро аз сар хонад, зеро намозаш ботил мегардад.

4. Касе, ки ба сабаби беморӣ нишаста бо рукӯъ ва суҷуд намоз мегузорад, агар дар вақти намоз аз беморӣ хуб шавад, намозашро аз сар нахонад, балки бақияи намозашро дар ҳолати истода адо намояд.[2]

5. Дар болои киштие, ки дар ҳаракат аст, бидуни узр нишаста намоз гузоридан боке надорад.

6. Касе, ки девона ва ё беҳуш гардида, панҷ вақт намоз ва ё камтар аз он аз вай қазо гардад, баъд аз он ки ба ҳуш ояд, қазои намозҳои фавтшударо бихонад, вале агар бештар аз панҷ вақт намозаш қазо гардад, лозим нест чизеро қазо биёварад. Намозҳои фавтшуда аз вай соқит мегарданд.

7. Агар ҳолати бемор ба марҳалае расида бошад, ки аз ишораи сар бозмонда ва ин вазъ як шабонарӯз тӯл кашад, намоз аз ӯ соқит мегардад, яъне баъд аз беҳбуд ёфтанаш қазои намозе бар гарданаш воҷиб намебошад, вале агар он вазъ аз муддати як шабонарӯз камтар идома ёбад, сипас қудрати бо ишора анҷом додани намозро пайдо кунад, намозашро бо ишора бигузорад ва он чиро, ки дар ин муддат аз вай фавт шудааст, қазо биёварад. Корро ба имрӯзу фардо нагузорад, ки шояд хуб шавам, зеро шояд ҳам, ки бимирад ва дар ин сурат ҳам гунаҳкор мемирад.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1117.

[2] Сурати қаблӣ барои касест, ки бо ишора намоз мегузорад ва сурати дуюм барои шахсест, ки бо рукӯъ ва суҷуд намоз мегузорад.

8. Шахси мубталогашта ба фалаҷ ё бемории дигаре, ки истеъмоли об барояш зиёновар аст, бо порча ва кулӯх истинҷо гирифта, таяммум намояд ва намозашро ба ҷой оварад. Агар худ қудрати таяммум гирифтан надошта бошад, шахси дигаре ӯро таяммум диҳад ва агар худ қудрати истинҷо намудан ба кулӯху порчаро надошта бошад, аёлаш ӯро истинҷо диҳад ва намозро дар ҳеҷ сурат тарк насозад.

9. Агар шахсе дар ҳоли тандурустиаш намозро тарк намуда бошад, вақти беморӣ ба ҳар гунае метавонад, қазои онро ба ҷой оварад.

10. Агар бистар, рахти хоб ва фарши бемор нопок ва наҷис (бенамоз) гашта бошад ва дар табдили он барояш нороҳатӣ ба вуҷуд ояд, ҳамин тавр болои он намозаш ҷоиз аст.

11. Агар табиб беморро аз нишасту бархост манъ намояд, дароз кашида, бо ишора намозашро ба ҷой оварад.

12. Назди ҷумҳури аиммаи ҳанафӣ, шофеъӣ ва баъзе моликиён ҷамъи салотайн аз ҷиҳати беморӣ ва заъфи ҷисмӣ дар ҳеҷ ҳолате ҷоиз нест, зеро чунин амре аз паёмбари акрам (с) собит нашудааст. Аммо назди ҳанбалиён ва баъзе моликиён ҷамъи салотайн барои бемор ҷоиз аст ва дар ҷамъи тақдим ва ё таъхири он мухайяр аст.

13. Агар ба сабаби беморӣ тӯли қиёмро дар ҷамоат тоқат карда натавонад, намозашро танҳо бигузорад, зеро ҷамоат суннат ва қиём дар намоз фарз аст.

14. Агар касе ба сабаби рӯзаи моҳи рамазон заъиф ва аз қиём дар намоз оҷиз гардад, рӯзаро медорад ва намозашро нишаста ба ҷой меоварад. Инро аҳли ҳукмӣ мегӯянд.

15. Дар тамоми суратҳое, ки қиём барои намозгузор мутааззир гардида ва намозашро нишаста мегузорад, агар ба ҳолати ташаҳҳуд нишаста тавонад, беҳтар аст ва агар натавонад, пас ҳар вазъе, ки барояш муносиб ва осон бошад.

16. Миёни касе ба сабаби пирӣ ва ё бемории хамида ва ҳолати рукӯъро ба худ гирифта бошад, дар қиём сарашро ба қадри тавоноияш баландтар мебардорад.

Аммо касе дар зери хайма ва ё сақфи пасте намоз гузорад, ки қоматашро рост карда натавонад ва дар берун борону лой бошад, пас намозашро нишаста ва бо рукӯъу саҷда мегузорад.

17. Касе салисулбавл[1] ё хуруҷи бод ё руъоф[2] ва ё ҷурҳи соил[3] дошта бошад ва дар ҳоли қиём пешоб ва ё бодаш бознаистад ва ё аз захмаш хун равон гардад, намозашро нишаста ва бо рукӯъ ва саҷда ба ҷой меоварад. Чунин шахсе аз ҷумлаи беморони маъзур ба шумор меравад ва масоили мутааллиқ ба ӯ дар боби худ бозгӯ шудаанд.

Ҳамчунин касе, ки вақте қиём кунад, аз белибосӣ рубъи авраташ намудор шавад, намозашро ҳатман бояд нишаста бигузорад.

18. Тахфифоти зикршуда дар бандҳои фавқ барои намозҳои фарз пешбинӣ шудаанд, ки онҳоро дар ҳолати саломатӣ ба сурати комил ба ҷой овардан зарур аст. Ин амр намозҳои воҷиб, ба монанди витр ва он намозеро, ки дар ҳукми воҷиб аст, ба монанди суннати намози бомдод, шомил мегардад. Аммо намозҳои нофила – суннатҳои муаккада ва ғайри онро бе ҳеҷ узре ҳам нишаста метавонад бигузорад, вале дар намози нишаста нисфи аҷри намози бо қиёмро дармеёбад.[4]

---

[1] Салисулбавл ба шахсе гуфта мешавад, ки пешобаш ҳеҷ гоҳ қарор намегирад.

[2] Руъоф бемории хунравии доим аз бинӣ аст.

[3] Ҷурҳи соил – захми равон; ҷароҳате, ки ҳамеша аз он хун берун меояд ва ҳеҷ гоҳ қарор намегирад.

[4] Расули Худо (с) мефармояд: **«Касе истода (қоим) намоз гузорад, он афзал аст ва касе нишаста намоз гузорад, пас барояш нисфи аҷри қоим аст ва касе хобида намоз гузорад, барояш нисфи аҷри нишаста аст»** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1115, 1116). Дар калимаи умум (ман – касе) оҷиз низ дохил аст, зеро бе узр хобида гузоридани намоз назди мо (фуқаҳои ҳанафӣ) ҷоиз (саҳеҳ) нест. Дар ҳадиси дигаре дар Саҳеҳи Муслим (1712 (735)-120) низ ин маъно омадааст.

Фасли чаҳордаҳум

НИЯТ ВА НАВЪҲОИ САФАР

Сафар одатан ду навъ мешавад: 1) сафари хос барои дин, 2) сафари хос барои дунё.

Намунаи навъи якум сафари ҳаҷ, талаби илм, зиёрати донишмандон, некон, бародарони динӣ, хешовандон ва дӯстон. Ин сафар тибқи ҷиҳати қасдшуда ва самти ҳадаф ё фарз аст, ё воҷиб ва ё мустаҳаб. Ба ҳар ҳол, дар сари ҳар қадам савоб ҳосил мешавад.

Мисоли дуюм, сафар барои тиҷорат ва касби маош ё барои фароғату хушҳолӣ. Лекин барои шахси оқил муносибтар он аст, ки дар ин сафар низ нияти дин дошта бошад, зеро тамоми кору бори дунё вақте иродаи динӣ ва нияти нек ба он сояафкан гардад, ибодат ба шумор меоянд. Мас., барои тиҷорат бо ин ирода берун шавад, то нону нафақаи шахсонеро, ки шариат сарпарастии зиндагии онҳоро бар гарданаш гузоштааст, ба даст оварад ва мозод (бештар аз эҳтиёҷ)-ро дар корҳои хайр ба масраф расонад.

ВАҚТҲОИ БЕҲТАРИН ВА ОДОБУ ДУОҲОИ САФАР

1. Сафар дар тамоми рӯзҳои Худо ҷоиз аст ва ҳеҷ зиёне надорад, вале рӯзи ҷумъа ё шанбе барои мусофират беҳтар ва бо баракаттаранд. Паёмбари Худо (с) бештар дар ин рӯзҳо сафар мекарданд.[1]

2. Рӯзи ҷумъа пеш аз намози ҷумъа ба сафар баромадан ҷоиз аст, вале пеш аз намоз нарафтан авлост. Вақте азони ҷумъа гуфта шуд, пеш аз хондани намоз сафар ҳаром аст.

3. Субҳ барвақт ба сафар баромадан баракат дорад. Расули Худо (с) дар саҳархезии уммат ва корҳое, ки аз ҷониби онҳо саҳар барвақт анҷом дода мешаванд, дуои баракат намудааст.[2]

4. Дар мусофират, ба хусус сафарҳои тӯлонӣ беҳтар аст ҳамроҳ дошта бошад, ки он аз фавоиди диниву дунявӣ холӣ намебошад. Як ҳамроҳ кифоя аст ва агар ҳамроҳон зиёдтар бошанд, беҳтар мебошад.[3] Сафар кардан ба танҳоӣ ҷоиз аст, вале чандон хуб нест.[4]

5. Агар ҷамоат ва ё дастае аз мардум якҷоя ба сафар бароянд, муносиб он аст, ки якеро аз миёни худ роҳбар (амир) баргузинанд ва дар сурати ихтилофи назарҳо дар мавзӯе дастур ва сухани ӯро ба кор гиранд, ҳарчанд ба нуқтаи назари онҳо мувофиқ набошад.[5]

6. Пеш аз баромадан асбобу омодагии сафарро бигирад, то боиси таклифу озори ҳамроҳони худ нагардад. Дар мусофират доштани сурма, ойина, шона, мисвок, микроз (қайчӣ) ва дигар заруриёт суннат аст.

7. Пеш аз мусофират истихора намудан, чӣ тавре дар фасли намози истихора баён шуд, мустаҳаб мебошад.

---

[1] Паёмбар акрам (с) илова бар он рӯзҳо дар рӯзи панҷшанбе низ ба сафар мебаромад. Каъб ибни Молик (рз) мефармояд: *«Расули Худо (с) дар аксари сафарҳояш рӯзи панҷшанбе хориҷ мешуд»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 2949; Сунани Абудовуд, 2605).

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки расули Худо (с) дар он фармудааст: ***«Худоё, барои умматам дар саҳарашон баракат бинеҳ»*** (Сунани Абудовуд, 2606; Сунани Тирмизӣ, 1212; Сунани Ибни Моҷа, 2236).

[3] Дар ҳадиси мурсале омадааст: ***«Беҳтарин*** (адади) ***ҳамроҳон*** (дар сафар) ***чаҳор нафар ҳастад…»*** (Сунани Абудовуд, 2611; Сунани Тирмизӣ, 1555; Сунани Ибни Моҷа, 2827).

[4] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Агар он чиро ман аз танҳо сафар кардан медонам, мардум низ медонистанд, ҳеҷ саворае шабона (танҳо) ҳаракат намекард»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2998; Сунани Тирмизӣ, 1673; Сунани Ибни Моҷа, 3768).

[5] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақте (гурӯҳе аз) се нафар ба сафар бароянд, ҳатман, бояд якеашонро амир (ва роҳбари сафар)-и худ гардонанд»*** (Сунани Абудовуд, 2608, 2609).

8. Одати мардуми баъзе минтақаҳо ин аст, ки вақте иродаи сафар намоянд, аз ситорагон, ҳайвонот ва ё чизҳои дигар фол мегиранд, ё як гуна эътиқодот ва тасаввуроте доранд, ки хилофи раҳнамоиҳои паёмбар (с) ва баръакси равиши шариати ислом мебошанд. Ва танҳо чизе, ки роҳкушо ва писандида аст ва ислом эътиқод ба онро ҷоиз донистааст, ҳамон истихора мебошад.

9. Ҳангоми ба сафар баромадан бо дӯстон ва хешовандон хайрухуш намояд ва ҳамин ки аз эшон ҷудо гашт ва фосила гирифт, ин дуоро бихонад: ***«Аставдиъу-л-лоҳа динӣ ва амонатӣ ва хавотима ъамалӣ».*** «*Дину амонат ва саранҷоми корҳоямро ба Худо амонат месупорам).* Барои онҳо низ чунин дуо намояд: ***«Аставдиъукуму-л-лоҳа-л-лазӣ ло тазиъу вадоиъуху».*** *«Шуморо ба он Худое амонат месупорам, ки ҳеҷ супурдае аз назди Вай зоеъ намегардад».*[1]

Бозмондагон ин дуоро бихонанд: ***«Фӣ ҳифзи-л-лоҳи ва фӣ канафиҳи. Заввадака-л-лоҳу-т-тақво ва ғафара занбака ва ваччаҳака ли-л-хайри ҳайсу кунта»***. *«Дар зери сояи ҳимоя ва парастории Худо бошӣ. Аллоҳи пок тӯшаи тақворо бароят рӯзӣ бинад ва гуноҳат биёмурзад ва ҳар кучо, ки бошӣ, ба сӯи хайру некӣ раҳнамоят бошад».*[2]

Дар хабар аст, ки беҳтарин нигоҳбон ва ҷойгузин барои бозмондагон, арзиши чаҳор ракъат намозест, ки пас аз пӯшидани либоси сафар ба шукронаи Парвардигораш мегузорад. Дар ҳар чаҳор ракъати ин намоз пас аз «Алҳамд» сураи муборакаи ***«Қул ҳуваллоҳ»***-ро мехонад. Пас аз хатми намоз ин дуоро мехонад: *«Бор Худоё! Ман аз баракати ин намоз қурбу наздикӣ бо Туро мехоҳам ва ҳифозати молу аёли худро ба Ту вомегузорам».*

Паёмбар (с) вақте барои мусофират хориҷ мегаштанд, ин дуоро мехонданд: *«Парвардигоро! Ба кӯмаки Ту бармехезам ва ба сӯи Ту рӯй меоварам. Аз Ту қуввату тавоноӣ мехоҳам ва хос бар Ту эътимод меварзам. Худоё! Ту ҷойгоҳи эътимоду умеди манӣ. Худоё! Дар ин коре, ки талош меварзам, кафилу паноҳи ман бош».*

Вақте аз хона берун шавад, ин дуоро бихонад: ***«Бисмиллоҳи, таваккалту ъалаллоҳи ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи».*** «*Ба номи Худо, таваккал (эътимод) намудам бар Худо ва нест тавоноӣ (барои парҳезгорӣ ва худдорӣ аз маъсият) ва нест қудрате (барои тоъат), магар бо кӯмаку ёрии Худованд».*[3]

«Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика ан азилла ав узалла, ав азилла ав узалла, ав азлима ав узлама, ав аҷҳала ав юҷҳала ъалайя». «*Бор Худоё! Ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки худ гумроҳ шавам, ё ба гумроҳӣ кашида шавам, ё билағжам ё лағжонда шавам (ҳам лағжиши қадам ва ҳам лағжиши маънавӣ ва имониро дар бар мегирад), ё худ ҷафо (зулм) намоям ё бар ман ҷафо шавад, ё худ бадхулқиву тундӣ кунам ва ё бар ман бадхулқӣ ва тундӣ раво дида шавад».*[4]

Вақте ба маркаб ва воситаҳои нақлиёт савор шавад, се бор ***«Аллоҳу акбар»*** гуфта, сипас ин дуоро бихонад: ***«Бисмиллоҳи, алҳамду лиллоҳ (Субҳона-л-лазӣ саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу мукринин ва инно ило раббино ламунқалибун). Алҳамду лиллоҳ, алҳамду лиллоҳ, алҳамду лиллоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, субҳонакаллоҳумма, иннӣ заламту нафсӣ, фағфир лӣ фаиннаҳу ло ягфиру-з-зунуба илло анта.***[5]

«Ба номи Худо, ситоиш аз они Худост. (Пок аст он Зоте, ки барои мо ин маркаб (васила)-ро мусаххару сар ба фармон гардонд, ки мо ҳаргиз қудрати тасхир ва сар ба фармон намудани

---

[1] Ривоят шудааст, ки паёмбари акрам (с) вақте бо ҳамроҳонаш хайрухуш мекард, ***«Аставдиъу-л-лоҳа динакум ва амонатакум ва хавотима аъмоликум»*** *(Дин, амонат ва хотимаи корҳоятонро ба Худо амонат месупорам), мегуфт»* (Сунани Абудовуд, 2601)

[2] Ин ҳадисро Тирмизӣ низ дар Сунани худ ривоят кардааст, вале ба ҷои «Ваччаҳака ли-л-хайри» «Яссара лака-л-хайра» гуфтааст (Сунани Тирмизӣ, 3444).

[3] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақте шахс аз хонааш берун мешавад, Бисмиллоҳи…*** (дуои мазкур)-***ро бигӯяд, барояш гуфта мешавад: Ҳидоят ёбӣ, кифоят ва нигаҳ дошта шавӣ ва шайтон аз вай дур шавад»*** (Сунани Абудовуд, 5095; Сунани Тирмизӣ, 3426).

[4] Уммисалама (рз) мефармояд, ки *«Паёмбар (с) ҳар боре аз хонаам хориҷ мешуд, ба сӯи осмон нигариста, Аллоҳумма иннӣ аъузу бика… (дуои мазкур)-ро мехонд»* (Сунани Абудовуд, 5094; Сунани Тирмизӣ, 3427; Сунани Насоӣ, 5501, 5554).

[5] Аз Алӣ (рз) ривоят шудааст: *«Расули Худо (с)-ро дидам, вақте пой ба рикоб (эзангу) ниҳод, ин дуоро хонд ва хандид. Пурсидам: Эй расули Худо, аз чӣ хандидӣ? Фармуд:* ***Парвардигоратро аз банда аҷабаш ҳамеояд, вақте мегӯяд: Парвардигоро, гуноҳони маро биомурз. Ҳаққо, ки ғайр аз Ту касе гуноҳонро намеомурзад»*** (Сунани Абудовуд, 2602; Сунани Тирмизӣ, 3446).

онро надоштем ва ба дурустӣ, мо ба сӯи Парвардигори хеш бозгашткунанда бошем.

Ситоишу ҳамд аз они Худост (се бор). Худо бузургвортар аст (се бор). Бор илоҳо! Ту пок ҳастӣ, ҳаққо, ки ман бар худ ҷафо (зулм) кардам, пас маро биёмурз. Ба ростӣ, ин танҳо Ту ҳастӣ, ки гуноҳонро меомурзӣ».

Дар охир ин дуоро бихонад: ***«Аллоҳумма, инно насъалука фӣ сафарино ҳозо албирра ва-т-тақво, ва мина-л-ъамали мо тарзо. Аллоҳумма, ҳаввин ъалайно сафарано ҳозо ватви ъанно буъдаҳу. Аллоҳумма, анта-с-соҳибу фи-с-сафари, ва-л-халифату фи-л-аҳли. Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мин ваъсои-с-сафари ва каобати-л-манзари ва суи-л-мунқалаби фи-л-аҳли ва-л-моли».***[1]

«Бор Илоҳо! Албатта, мо дар ин сафарамон аз Ту некӯӣ ва парҳезгориро ва аз кирдору аъмол он чи мояи хушнудии Туст, хоҳонем. Худоё! Бар мо ин сафарамонро осон бигардон ва дурияшро бар мо кӯтоҳ соз ва онро аз мо дарнавард.

Худоё! Туӣ ҳамроҳ дар сафар ва ҷойнишин дар хонавода. Худоё! Ман аз сахтии сафар ва андӯҳбории манзар (чеҳра) ва бозгашти баду ногувор ба сӯи хонавода ва дороӣ ба Ту паноҳ мебарам».

Вақте дар роҳ рӯй ба баландӣ биравад ё аз канори талу теппае бигузарад, ***«Аллоҳу акбар»*** (Худо бузургвор аст) гуфта, ин дуоро бихонад: ***«Аллоҳумма, лака-ш–шарафу ъало кулли шараф ва лака-л-ҳамду ъало кулли ҳол».*** «*Парвардигоро! Турост бузургворию баландӣ бар ҳар баландие ва барои Туст ситоиш бар ҳар ҳоле».*[2]

Чун ба нишебие поин шавад, *«Субҳоналлоҳ»* бигӯяд.[3]

10. Бо ҳамроҳони худ дар ниҳояти лутфу хушахлоқӣ рафтор намояд. Агар аҳёнан аз ҳамроҳонаш озоре бинад, сабр намояд. Агар аз ҳудуди эҳтиёҷоташ васоили бештаре дошта бошад, ба ҳамроҳонаш кӯмак намояд.

11. Дар мусофират саг ба ҳамроҳ набарад. Дар хабар аст, ки фариштаи некӣ аз ҷамоате, ки саг ба ҳамроҳ доранд, ҷудо мегардад.[4]

12. Агар маркаби саворияш ҳайвоне аст, аз қудрататаш бештар бар вай бор накунад ва бар сару рӯяш задан ҳаром бошад.

13. Гоҳе пиёда биравад ва ба ҳайвон навбати истироҳат диҳад.

14. Дар хабар аст, ки вақте савора (мусофир) машғули ёди Худо бошад, фариштаи ҳамроҳи ӯст ва чун аз ёди Худояш ба чизи дигаре машғул гардид, шайтон рафиқи ӯ бошад.

15. Вақте мусофир ба ҷое фуруд омад, мустаҳаб аст, ду ракъат намоз бигузорад, он гоҳ ин дуоро бихонад: ***«Аъузу би калимоти-л-лоҳи-т-томмоти мин шарри мо халақ».*** *«Ба калимоти комили Худо аз шарру бадии ҳар он чи офаридааст, паноҳ мебарам».*[5]

16. Вақте шаб даромад, ин дуоро бихонад***: «Ё арзу, раббӣ ва раббуки-л-лоҳ, Аъузу биллоҳи мин шаррики ва шарри мо хулиқа фик***

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 3262 (1342)-425; Сунани Абудовуд, 2599; Сунани Тирмизӣ, 3447; «Амалу-л-явми ва-л-лайла»-и Насоӣ, 548. – С. 382.

[2] Ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) вақте аз сафари ҳаҷ, умра ва ё ғазое бармегашт ва ҳамин ки ба баландӣ ва ё теппае мерасид, се бор:* ***«Аллоҳу акбар»*** *мегуфт ва пас аз он ин дуоро мехонд:* ***Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Ойибуна тоибун, ъобидуна соҷидун, лираббино ҳомидун. Садақаллоҳу ваъдаҳ ва насара ъабдаҳ ва ҳазама-л-аҳзоба ваҳдаҳ»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1797, 2995, 3084, 4116, 6385).

[3] Дар ривояте аз Ҷобир (рз) омадааст: *«(Дар сафарҳо) вақте ба баландие мебаромадем, такбир мегуфтем ва вақте рӯ ба нишебӣ мениҳодем, тасбеҳ мегуфтем»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 2993, 2994).

[4] Ривоят шудааст: *«Ҷабраил дар соате ба расули Худо (с) ваъдаи мулоқот кард, вале аз он вақт дер кард. Таъхири ӯ бар он ҳазрат (с) вазнин омад. Паёмбар (с) берун баромад ва Ҷабраилро дид, ки дар пеши дар истодааст. Гуфт:* ***Чаро дер кардӣ ва ба хона намедаромӣ?*** *Гуфт: Дар хонаат саге аст ва мо ба хонае, ки дар он саг ё сурат бошад, намедароем»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 3227, 5960; Саҳеҳи Муслим, (2104)-81; Сунани Ибни Моҷа, 3651).

Ин ҳадис дар ривоятҳои дигар бо тафсили бештаре омадааст: *«Он сагбача аз Ҳасан ва ё Ҳусайн буда, ба зери либосовези онҳо дар хонаи он ҳазрат (с) даромадааст. Пас аз он амр кард ва онро берун карданд»* (Сунани Абудовуд, 4158; Сунани Тирмизӣ, 2806; Сунани Насоӣ, 5380).

Илова бар ин, дар ривояти дигаре омадааст, ки *«Фариштагон ба хонае, ки дар он саг ё сурат бошад, намедароянд»* Саҳеҳи Бухорӣ, 3225, 3322, 4002, 5949; Саҳеҳи Муслим, 5481 (2106)-83, 5482 (…)-84; Сунани Тирмизӣ, 2804; Сунани Насоӣ, 4293, 5362, 5363; Сунани Ибни Моҷа, 3649, 3650).

[5] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе дар манзиле фуруд ояд ва: Аъузу бикалимотилоҳи… (дуои мазкур)-ро бигӯяд, то вақте дар он манзил аст, чизе ба вай зарар намерасонад»*** (Саҳеҳи Муслим, 6817 (2708)-54, 6818 (2708)-55; Сунани Тирмизӣ, 3437; Сунани Ибни Моҷа, 3547).

ва шарри мо дабба ъалайки, Аъузу биллоҳи мин шарри сокини-л-балад ва мин шарри волидин ва мо валад».

«Эй сарзамин! Парвардигори ҳар дуямон Аллоҳ аст. Ба Худо паноҳ мебарам аз бадии ту ва ҳар он чи дар ту офарида шуда ва ҳарчи дар болои ту дар ҳоли ҷунбиш аст (ҳар ҷунбандае, ки дар болои ту дар ҳаракат аст). Ба Худо паноҳ мебарам аз шарри бошандаи ин сарзамин ва аз шарри ҳар зоянда ва ҳарчи бизод».[1]

17. Ҳангоме ба субҳ расид, ин дуоро бихонад***: «Самиъа сомиъун биҳамдиллоҳи ва ниъматиҳи ва ҳусни балоиҳи ъалайно. Раббано соҳибно ва афзил ъалайно ъоизан биллоҳи мина-н-нор».***

«Бошад, ки шунавандае бишнавад ва шоҳиде гувоҳӣ диҳад ба сипосгузории Аллоҳ ва ба неъмату озмоиши некаш бар мо. Парвардигоро! Бо мо ҳамроҳ бош ва фазли хешро бар мо бинеҳ, дар ҳоле ки ба Худо паноҳбарандаем аз оташ».[2]

18. Вақте аз дур он шаҳру диёреро, ки озими он ҷо буд, мушоҳида намояд, ин дуоро бихонад: ***«Аллоҳумма, рабба-с–самовоти-с–сабъи ва мо азлална ва рабба-л-аразина-с–сабъи ва мо ақлална ва рабба-ш–шайотини ва мо азлална ва рабба-р-риёҳи ва мо зарайна, асъалука хайра ҳозиҳи-л-қаряти ва хайра аҳлиҳо ва хайра мо фиҳо ва аъузу бика мин шарриҳо ва шарри аҳлиҳо ва шарри мо фиҳо».***

«Илоҳо! Эй Парвардигори осмонҳои ҳафтгона ва он чи бар вай соя афкандаанд ва эй Парвардигори заминҳои ҳафтгона ва он чи бар худ бардоштаанд ва эй Парвардигори шайтонҳо ва он чи бероҳ намудаанд ва эй Парвардигори бодҳо ва он чи парокандаанд, аз Ту хайри ин ободӣ, хайри бошандагонаш ва хайри он чиро ки дар он аст, мехоҳам ва ба Ту аз шарри ин ободӣ, шарри бошандагонаш ва шарру бадии ҳар он чи дар он аст, паноҳ мебарам».[3]

19. Вақте мехоҳад вориди он диёр ва ободӣ шавад, ба андозаи тобу тавони худ либосҳои хубу покиза пӯшад. Ҳангоми аз сафар баргаштанаш барои аҳлу аёл ва дӯстонаш туҳфаву ҳадяҳо овардан мустаҳаб аст.

20. Вақти бозгашт низ ҳамин ки аз канори нишебу фарозҳо бигузарад, дуоҳои номбурдаро бихонад. Ин дуоро низ бихонад: ***«Ло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд, юҳйи ва юмиту ва хува ҳайюн ло ямут. Биядиҳи-л-хайр ва хува ъало кулли шайин қадир».***

«Нест маъбуде бар ҳақ, магар Аллоҳи ягона ва бешарик. Аз Ӯст мулки ҳастӣ ва барои Ӯст ситоиш; Зинда мегардонад (ҳаёт мебахшад) ва мемиронад ва Ӯ худ ҳамеша зинда аст ва ҳаргиз намирад. Некӣ ба дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳама чизе тавоност».

«Ойибуна, тоибуна, ъобидуна, ли раббино ҳомидуна. Садақа-л-лоҳу ваъдаҳу ва насара ъабдаҳу ва ҳазама-л-аҳзоба ваҳдаҳу». *«Яъне, мо руҷӯъкунон, тавбакунон, ибодаткунон ва барои Парвардигорамон ситоишкунон бозмегардем. Худо ба ваъдааш вафо кард ва бандаашро нусрат дод ва Ӯ худ аҳзоб (ҷамъҳои душман)-ро дар ҳам шикаст».*[4]

21. Вақте чашмаш ба шаҳри худаш афтод, ин дуоро бихонад: ***«Аллоҳуммаҷъал лано биҳо қароран ва ризқан ҳасанан».*** *«Парвардигоро! Оромиш ва рӯзии неки моро дар он фароҳам овар».*

22. Аз ногаҳон дохил шудан ба хона ва ба назди аҳлу аёли худ пас аз сафарҳои тӯлонӣ манъ гардидааст. Вале агар пеш аз омадан хабар дода бошад ё сафар тӯлонӣ набошад, монеъе надорад.

23. Вақте мусофир вориди шаҳр ё деҳи ҷои зиндагонии худ мегардад, бояд аввал ба масҷид биравад ва ду ракъат намоз бигузорад.

24. Бо истиқболкунандагон даст ба даст ва оғӯш ба оғӯш салом кардан мустаҳаб аст.

САФАРИ ШАРЪӢ Ё САФАРЕ, КИ НАМОЗ ДАР ОН ҚАСР ХОНДА МЕШАВАД

Ин сафар бар се шарт бино ёфтааст:

1. Дурии он ба андозае бошад, ки пиёдагард дар зарфи се рӯз (аз рӯзҳои кӯтоҳи зимистон) он роҳро ба осонӣ тай намояд, гарчи ба воситаи васоили имрӯзӣ дар муддати кӯтоҳе паймуда

---

[1] Сунани Абудовуд, 2603.

[2] Саҳеҳи Муслим, (2718)-63; Сунани Абудовуд, 5086.

[3] Амалу-л-явми ва-л-лайлаи Насоӣ, 543, 544. – С. 379, 380.

[4] Дар поварақии қабл аз охири банди 9-уми «Вақтҳои беҳтарин ва одобу дуоҳои сафар» ба он ишора шуд.

шавад. Масофаи он ба ҳисоби километр тақрибан ҳафоду ҳашт (78) километр мебошад.

2. Аз ҳамон ибтидои мусофират қасд (ният)-и паймудани ин миқдор масофаро дошта бошад, аммо агар қасди сафараш аз ин миқдор камтар бошад, дар шумори ин қисм сафар (шаръӣ) дохил намешавад. Аз назари ҷумҳури аимма ният барои эътибори шаръӣ пайдо кардани сафар шарт аст. Бинобар ин, агар ба сайру гашт барояд ва нияти сафари шаръӣ – паймудани масофаи онро накунад, шаръан мусофир ба ҳисоб намеояд ва намозҳояшро бояд пурра бихонад, ҳарчанд гирди дунёро бигардад.[1]

3. Вақте нияти сафар намуд, аз ҷои истиқоматаш берун шавад. Ба маҳзи ният, агар аз ҷои сукунаташ хориҷ нагардад, ҳанӯз ӯро мусофири шаръӣ гуфта намешавад. Ҳамин ки аз ҷои зисти худ хориҷ гашт, дигар хоҳ дар боғистонҳои атроф бошад ё дар истгоҳи роҳи оҳан ва ё дар фурудгоҳи ҳавоӣ, аҳкоми сафар бар вай ҷорӣ мегарданд.

МИҚДОРИ МАСОФАИ САФАР

Албатта, аҳком ва осор (сабукиҳо)-и пешбинишуда барои шахси мусофир дар сафари шаръӣ, ба монанди муддати масҳ, ҷавози қасри намоз ва ифтори рӯза ва ҳамин тавр аломатҳо ва он фароянде, ки бар асоси он ба сафар сафари шаръӣ гуфта шавад, дар осор ва суханони паёмбар (с) ба таври сареҳ ва бо санадҳои саҳеҳ собит шудаанд, вале масофаи он дар сарчашмаҳои шаръ – Китоб ва суннат ба ривоятҳои марфӯъи саҳеҳ ва бо сароҳат собит нашудааст. Пас уламо ва пешвоёни мазоҳиб дар таъйини он меъёрҳои гуногунеро асл қарор дода ва онро ба таври зимнӣ аз ривоятҳои мутааллиқ ба аҳком ва ё осори мавқуф бар саҳоба истинбот кардаанд. Бинобар ин, масъалаи таъйини миқдори масофаи сафар иҷтиҳодӣ буда, дар байни пешвоёни фиқҳи исломӣ назароти гуногуне дар бораи он вуҷуд дорад.

Машоихи ҳанафӣ дар таъйини масофаи қаср аҳодисеро, ки дар баёни муддати масҳ барои мусофир – се шабонарӯз ва ҳадиси саҳеҳи дигареро, ки бо роҳҳои гуногун дар наҳйи бе маҳрам сафар кардани зан ба муддати серӯза роҳ ворид шудаанд, асл қарор дода ҳукми онро ба таври зимнӣ аз мавридҳои мазкур истинбот ва онро се рӯза роҳ эътибор кардаанд. Аз он ҷо ки аҳодиси мазкур ба таври сареҳ ва сиёқан дар баёни масофаи сафар собит нашудаанд, ҷумҳури мазоҳиб – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ асари собитшуда аз Ибни Аббос (рз)[2] ва Ибни Умар (рз)-ро[3] дар ин масъала асл қарор дода, масофаи сафарро чаҳор барид роҳ ва ҳар баридро чаҳор фарсанг ва ё нимрӯза роҳ донистаанд, ки он ба таври умумӣ ба 16 фарсанг ва ё 48 мил баробар аст. Назди имом Бухорӣ бино ба гуфтаи Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (– Ҷ. 3. – С. 463) бо истинод ба ҳадисе, ки бе маҳрам сафар кардани зан ба масофаи як шабонарӯз дар он ҳаром гуфта шуда (Саҳеҳи Бухорӣ, 1088), камтарин муддати замонии масофаи сафар як шабонарӯз аст.

Ба гуфтаи мураттибони Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия (– Ҷ. 27. – С. 271) бо ин вуҷуд имом Шофеъӣ (рҳ) барои хуруҷ аз хилоф ихтиёри масофаи серӯза роҳро барои қаср мустаҳаб донистааст.

Се шабонарӯз – назари бузургони ҳанафӣ дар масъалаи масофаи сафар камтарин масофаест, ки барои андозаи замонии он муайян

---

[1] Яъне нияти сафар ба миқдори масофаеро надошта бошад, ки бо он ҳукми қаср собит мешавад, балки масофаи 40-50 ё 20-30 км-ро дар назар дошта бошад ва пас аз он боз миқдори дигаре камтар аз миқдори масофаи сафарро паймояд. Аммо агар дар миёнаи роҳ нияти паймудани масофаи сафарро намояд, ҳукми сафари шаръӣ барояш собит мешавад ва намозашро қаср мехонад.

[2] Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Эй аҳли Макка, намозро дар камтар аз чаҳор барид роҳ – аз Макка то Усфон қаср нахонед!»*** (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 257, ба нақл аз Сунани Дорақутнӣ. Ибни Ҳаҷар санади онро дар Талхису-л-ҳабир заъиф гуфтааст). Дар Муваттаи имом Молик (рҳ), Муснади имом Шофеъӣ (рҳ) ва ғайри онҳо бо санади саҳеҳ, вале ба таври мавқуф ривоят шуда, ки аз Ибни Аббос (рз) пурсида шуд: Оё намозро (аз Макка) то Арафа қаср мехонем? Гуфт: Не, балки то Усфон, Ҷадда ва Тоиф қаср мехонем (Муснади имом Шофеъӣ бо тартиби Муҳаммадобиди Синдӣ, 526. – С. 560. – Бейрут, 1951; Муваттаи имом Молик бо таҳқиқи Аъзамӣ, 495. – Абузабӣ, 2004). Усфон дар масофаи 80 км дар шимоли Макка, Ҷадда дар масофаи 73 км дар ғарби он дар соҳили баҳри Сурх ва Тоиф дар масофаи ҳудуди 90 км дар ҷануб-шарқи он воқеъ шудаанд.

[3] Ҳамчунин ривоят шуда, ки Ибни Умар (рз) ва Ибни Аббос (с) дар масофаи чаҳор барид роҳ, ки шонздаҳ (16) фарсанг аст, намозро қаср ва рӯзаро ифтор мекарданд (Саҳеҳи Бухорӣ, боби дар чӣ масофае намозро қаср мехонад, таълиқи ҳадиси 1086).

шудааст ва дар он сайр ва ҳаракати миёнаи одами миёнаҳолу миёнарав дар рӯзҳои кӯтоҳи сол дар назар гирифта шудааст. Ин ҳаракат ва сайри шахси миёнарав аз кӯҳҳо то ҳамвориҳо ва дар сафари баҳр аз хушкӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, масофаи сафари шаръӣ дар кӯҳҳо ва роҳҳои душворгузар ҳатман камтар аз масофаест, ки барои ин кор дар ҳамвориҳо дар назар гирифта шудааст.

Имом Абуҳанифа (рҳ) дар муайян намудани масофаи сафари шаръӣ воҳиди ченаки масофаи маъруфи сафарҳои он рӯзгорро асл дониста ва онро бо марҳала ва манзил андозагирӣ намудааст ва ҳар рӯзеро як марҳала роҳ эътибор кардааст.

Фақеҳон ва коршиносони мутааххири фиқҳи исломӣ фарсанг ва милро дар муайян намудани масофаи сафар ба кор бурдаанд. Вале аз он ҷо, ки ин воҳидҳои ченаки масофа бинобар эътиборҳои махсус ва аз давра то даврае каму беш фарқ мекунанд, дар баргардон ва бароварди онҳо ба миқёси маъмулии имрӯза – километр тафовутҳое дида мешавад.[1]

Инак, таҳқиқи мавзӯъро ба таври хулоса аз «Маҳмуду-л-фатово» барои шумо нақл менамоем: Масофаи сафари шаръӣ назди ҷумҳури имомони чаҳоргона 48 мили шаръист. 48 мил дар назди ҷумҳури ғайри ҳанафиён ба ҳаштоду ҳафт километру ҳафтсаду чаҳор (87 704) км (тақрибан 88 км)[2] ва дар назди ҳанафиён ба 77 248 км баробар аст, ки қавли муътамад дар назди онҳо ҳамин аст.

Муфтӣ Рашидаҳмад дар рисолае бо номи «Замимаи қавли азҳар дар таҳқиқи масофаи сафар» ин масъаларо мавриди таҳқиқ қарор дода, қавле ки дар таъйини масофаи сафар бар он фатвост, (77 248) ҳафтоду ҳафт километру дусаду чилу ҳашт метр таҳрир намудааст. Барои огоҳии бештар аз миқдори масофаи қаблии сафар дар назди донишмандон адади онҳоро ба тартиби зер меоварем:

Масофаи қаср:

1. Дар Фиқҳи исломӣ: назди ҳанафиён ҳудуди 86 км ва назди ҷумҳур – ғайри ҳанафиён ҳудуди 89 (88 704) км.[3]

2. Дар Аҳсану-л-фатово, қавли аввали қадим: 98 552 км.

Дар Аҳсану-л-фатово, қавли дуюми қадим: 87 824 км.

Дар Аҳсану-л-фатово, қавли сеюми қадим:

---

[1] Ҳамон гуна ки гуфта шуд, назди аиммаи садри аввал ва муассисони мазҳаб асл дар таъйини миқдори масофаи сафар серӯза роҳ аст, ки ҳар рӯзи онро ба як марҳала ё манзил роҳ таъбир кардаанд. Вақте мутааххирин марҳаларо ба воҳиди ченаки масофа фарсанг ё мил баровард кардаанд, бо назардошти эътибороти гуногуне, ки дар асноии таҳқиқ ба кор рафта ва шароити мутафовите, ки уламои ҳар минтақа ва давра таҳқиқи худро дар он анҷом додаанд, ба натоиҷи мухталиф расидаанд. Назди аксари уламои мутааххир се марҳала роҳ ба ҳаждаҳ (18) фарсанг (ҳар марҳала ба 6 фарсанг), назди уламои Хоразм ба понздаҳ (15) фарсанг (ҳар марҳала ба 5 фарсанг) ва назди баъзеҳо ба бисту як (21) фарсанг (ҳар марҳала ба 7 фарсанг) ва назди баъзе дигар ба бисту чаҳор (24) фарсанг баровард шудааст. 18 фарсанг 54 мил аст ва он (вақте як милро тибқи баровард, ки дар Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия (Ҷ. 25. – С. 29) омадааст, 1 609 м эътибор кунем) ба 86 886 (ҳудуди 87) км, 15 фарсанг 45 мил аст, ки он ба 72 405 км ва 24 фарсанг 72 мил аст, ки он ба 115 848 (ҳудуди 116) км баробар мешавад. Агар милро 1700 м ё бештар аз он эътибор кунем, бароварди фарсангҳо бо км каме бештар мешавад.

Ба ин тартиб бо назардошти тафовутҳои ҳар сарзамин ва гуногунии эътибороти ҳар гурӯҳи муҳаққиқон метавон миқдори фарсангҳоро аз рақамҳои дар боло зикршуда тағйир дод ва се марҳала роҳро ба 16, 16,5 ва ё 17 фарсанг (ҳар марҳаларо ба 5,3, 5,5 ё 5,7 фарсанг) ё 19 фарсанг ва ё бештар ва камтар аз ин баровард кард, зеро асл дар таъйини масофа марҳала аст, на фарсанг ва мил.

Уламои Хоразм барои масофаи қаср 15 фарсангро ихтиёр кардаанд, ки он аз назари ҷумҳур як фарсанг камтар аст ва агар онро каме болотар барем, ба қавли ҷумҳур мутобиқ мегардад ва ин андозагириҳо (параметрҳо) бе тардид, назари пешниҳодкардаи аллома Анвари Кашмирӣ ва қавли ахири Аҳсанулфатоворо дар бароварди масофаи қаср ба 78 км таъйид мекунанд. Ба ҳар сурат бо назардошти тафовути миқдори фарсанг ва мил назди марказҳо ва давлатҳои гуногун ва ҳамин тавр дигаргуниҳои пешомада бар он дар адвори мухталифи таърих метавон аз 78 то 82 км ва ё каме бештар аз онро марзи поёнӣ ва болоии масофаи сафар донист.

[2] Дар китоби Фиқҳи исломӣ қавли ҷумҳур – ғайри ҳанафиёнро 89 (88 704) км гуфтааст. Дар ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия онро назди ҷумҳур 4 барид – 48 мил гуфтааст, ки он ба 78 032 км баробар аст (Ҷ. 25. – С. 29-39). Дар Фатовои Азҳар низ онро на камтар 82 км гуфтааст (Фатовои Азҳар. – Ҷ. 1. – С. 109. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила).

[3] Ваҳба Зуҳайлӣ. ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 1. – С. 124, дар боби воҳидҳои дарозӣ. – Ҷ. 2. – С. 288. – Димишқ, 1430 ҳ. (2009). Минбаъд: Фиқҳи исломӣ.

Дар асли китоби Фиқҳи исломӣ қавли ҳанафиёнро 86 км ва қавли ҷумҳур – ғайри онҳоро 89 (88 704) км гуфтааст, вале дар Маҳмуду-л-фатово ба нақл аз Фиқҳи исломӣ онро 96 км ва қавли ҳанафиён гуфтааст.

82 296 км.

3. Қавли охир ва муътамад: 77 248 км. [1]

Сафаре, ки камтарин муддати он се шабонарӯз ва ё масофаи 78 км-ро дар ҳамвориҳо дар бар гирад, назди машоихи ҳанафӣ сафари шаръӣ номида мешавад ва аҳком ва сабукиҳои хоссе аз ҷониби шариат, аз қабили қасри намозҳои чаҳорракъатӣ (ва ҷамъи байни салотайн назди мазабҳои фиқҳие, ки онро дар мутлақи сафар ҷоиз донистаанд), фурсати масҳи сешабонарӯза бар масҳиҳо, лузуми маҳрам барои сафари зан, соқит шудани рӯзаи моҳи Рамазон, соқит шудани вуҷуби намози ҷумъа,[2] соқит шудани қурбонӣ, ҷавози нафл бар роҳила ва маркабҳои саворӣ ва ғайра ба он тааллуқ мегиранд.

Шоёни зикр аст, ки манзури фақеҳони киром се рӯз аз субҳ то шом ҳаракат кардан набуда, балки меъёр дар паймудани он ин аст, ки рӯзона бо сайри миёна, дамгирифта ва то заволи офтоб ва ё каме пас аз он роҳ биравад, ки муддати сайри ҳаррӯзаи он бар асоси параллелҳои ҷуғрофӣ аз як минтақа то минтақаи дигар фарқ мекунад. Агар онро ба соат баровард намоем, ба гуфтаи доктор Ваҳба Зуҳайлӣ миқдори сайри ҳаррӯзаи мусофир дар Миср ва дигар кишварҳои ҳамъарзи он камтар аз ҳафт соат ва дар се рӯз 20 соату рубъеро ва дар сарзамини Шом шаш соату бист дақиқа ва дар се рӯз 20 дақиқа кам аз 20 соатро ташкил медиҳад.[3] Пас дар сарзаминҳои мо, ки дар арзи болотари ҷуғрофӣ ҷойгир шудаанд, он дар рӯзҳои кӯтоҳи сол соатҳои камтареро ташкил медиҳад.

Ин аҳком ва сабукиҳо ба сафаре, ки камтар аз ин миқдор бошад, тааллуқ намегиранд ва ба он дар истилоҳоти фиқҳӣ сафари шаръӣ гуфта намешавад. Зеро он сафар ҳанӯз аз доираи сафарҳое, ки боиси ранҷу сахтиҳо мегарданд, поинтар мебошад. Аммо аз назари моҳият метавонад дар чаҳорчӯби муқаррароти шариат сурат бигирад.[4]

Агар мусофире масофаи се рӯза роҳро бо сайри сареъ ва суръати бештар дар камтар аз се рӯз, мас., дар ду ва ё якуним рӯз ва ё минтақаи мавриди назараш ду роҳ дошта, ки яке се рӯза ва дигаре кӯтоҳтар бошад ва бо роҳи кӯтоҳ ба он ҷо биравад, тамоми аҳком ва сабукиҳои пешбинишуда дар сафари шаръӣ барояш собит мегарданд. Баръакс агар масофаи як ва ё ду рӯза роҳро бо сайри суст дар зарфи се рӯз тай намояд, аҳкоми сафар барояш собит намешаванд.

НАМОЗИ МУСОФИР

Намозгузор бояд дар сафар фарзҳои чаҳорракъатиро ду ракъат, яъне қаср (кӯтоҳ) ба ҷо оварад, ба шарти он ки аз шаҳр ё деҳаи худ берун омада ва қасд кунад, ки фосилаи роҳи серӯзаро мепаймояд. Дар паймудани роҳи серӯза ҳаракати миёнаҳолу одӣ, на шитобу тезӣ ва сусту оҳистагӣ дар назар гирифта шудааст. Дар хушкӣ сайри пиёдарав ё шутур миёнаҳол ба шумор меравад. Дар кӯҳҳо миқдоре, ки муносиб ба роҳ рафтан дар он аст ва дар дарё ҳаракати киштӣ дар ҳоли муътадил будани бод эътибор карда мешавад.

Масофае, ки бо сайр (паймоиш)-и шахси миёнаҳол дар муддати се рӯз паймуда мешавад, агар онро ба василаи асп, мошин, қатора (поезд), ҳавопаймо ё дигар васоили нақлияи имрӯза тай намояд ва дар муддати андаке бипаймояд ҳам, намозҳояшро қаср (кӯтоҳ) мехонад.

Мусофир то вақте намозҳояшро қаср мехонад, ки боз ба шаҳри худ дохил шавад ва ё ин ки муддати понздаҳ рӯз дар як шаҳр ва ё деҳае нияти иқомат намояд.[5] Пас агар нияти иқома-

---

[1] Маҳмуду-л-фатово. – Ҷ. 1. – С. 216-220.

Баъзе уламои муосири ҳанафӣ масофаи 78 км-ро барои қасри намоз ва субути дигар аҳкоми мутааллиқ ба сафари шаръӣ камтар аз андозаи лозим донистаанд, вале муҳаддиси бузурги асри гузашта дар шибҳи қораи Ҳинд Муҳаммаданвари Кашмирӣ дар Файзу-л-борӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ (– Ҷ. 2. – С. 534) ҳам бо назардошти қуввати далели ҷумҳур дар ин масъала ва ҳам ба хотири хуруҷ аз хилоф 16 фарсанг – 48 мил (78 км)-ро ихтиёр карда ба он фатво додааст (Файзу-л-борӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Бейрут, 2005).

[2] Аз назари машоихи аҳноф бо вуҷуди он ки фарзи ҷумъа аз мусофир соқит аст, вале агар дар он иштирок кунад, намозаш дуруст ва фарзи пешин аз вай соқит мегардад. Ҳамчунин агар чанд мусофире бо имоми ҷумъа ва бе ҳузури муқиме намози ҷумъаро барпо намоянд, он дуруст мегардад.

[3] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 2. – С. 287.

[4] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Сафар порае аз азоб аст, ки яке аз шумо (мусофир)-ро аз хӯрдану нӯшидан ва хобаш боз медорад. Пас вақте ҳавас (ва кор)-ашро анҷом дод, ҳарчи зудтар ба сӯи аҳлаш баргардад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1804, 3001, 5429).

[5] Дар бораи камтарин муддате, ки нияти иқомат

тро дар муддати понздаҳ рӯз дар ду шаҳри гуногун кунад, намозашро қаср мехонад.

Хайманишинон метавонанд дар саҳро ва биёбон нияти иқомат намоянд. Коргарон ва ҳайати идории (экипажи) киштиҳое, ки ҳамеша дар ҳоли мусофиркашонӣ ва ё боркашонию мусофират ҳастанд ва бо аҳлу аёли худ дар ҳуҷрае аз он ба сар мебаранд, он киштӣ ба манзалаи хонаи онҳост, намозро доим пурра мегузоранд, ба монанди саҳронишинони кӯчманчӣ. Вале агар дар берун хона дошта бошанд ва гоҳ-гоҳе ба он баргарданд, дар ин сурат дар тамоми муддате, ки дар сафар ҳастанд, намозҳояшонро қаср мехонанд.

Ҳар гоҳ лашкари ислом дохили сарзамини душман гардад ва ё дар мавзеъе боғиёнро (саркашоне, ки бар имоми мусулмонон зид баромадаанд) муҳосира намояд, намозашонро қаср мехонанд, ҳарчанд нияти иқомат ва мондан дар он ҷоро дар муддати понздаҳ рӯз ва ё бештар аз он карда бошанд.[1]

Мусофире, ки нияти иқомат ва боқӣ мондан дар як ҷойро ба муддати понздаҳ рӯз надошта бошад, намозашро қаср мехонад, ҳарчанд солҳо дар ҳоли мусофират ба сар барад.[2]

Барои мусофир қаср хондани фарзҳои чаҳоррақъатӣ (пешин, аср ва хуфтан) воҷиб аст ва набояд онро пурра бихонад.[3] Агар онро пурра хо-

---

дар он дуруст мегардад, дар миёни мактабҳои фиқҳӣ назарҳои гуногуне вуҷуд дорад. Исҳоқ бо истинод ба ҳадиси Ибни Аббос (рз) камтарин муддати нияти иқоматро дар сафар нуздаҳ рӯз ва Авзоъӣ дувоздаҳ рӯз медонанд. Имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) камтарин муддати нияти иқоматро чаҳор рӯз гуфтаанд. Суфёни Саврӣ ва бузургони аҳноф онро понздаҳ рӯз эътибор кардаанд.

Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки *«Касе понздаҳ рӯз нияти иқомат намояд, намозҳояшро пурра бихонад»* (Сунани Тирмизӣ, 548). Аз Ибни Аббос (рз) низ ривояте ба ҳамин маъно дар Ҷомеъулмасониди Абуҳанифа (404: 1) омадааст. Ин ривояти Ибни Умар (рз) ва Ибни Аббос (рз)-ро Зайлаъӣ дар «Насбу-р-роя», Ибни Ҳаҷар дар «Дироя», (С. 129), Айнӣ дар «Умда», (Ҷ. 3. – С . 530), Шавконӣ дар «Найл», (Ҷ. 3. – С. 85) ва Зарқонӣ дар шарҳи «Муваттаъ» таъйид намудаанд. (Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 3, бахши 3. – С. 299).

[1] Аз расули Худо (с) ва саҳобагони киром дар ин бора ривоятҳои зиёде ворид шудааст. Аз ҷумла, аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) дар Табук бист рӯз боқӣ монд, дар ҳоле ки намозро (дар ин муддат) қаср мехонд»* (Сунани Абудовуд, 1235; Сунани Куброи Байҳақӣ, 5574. Ҷ. 4. – С. 355; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 2749, 2752. Ҷ. 6. – С. 456, 459; Муснади имом Аҳмад, 13726. Ҷ. 4. – С. 220; Мусаннафи Абдурраззоқ, 4335. Ҷ. 2. – С. 532).

Наср ибни Имрон мефармояд, ки ба Ибни Аббос гуфтам: *«Мо дар Хуросон дар ғазо муддати дарозе боқӣ мемонем, пас (дар бораи намоз дар ин муддат) чӣ мефармоӣ? Гуфт: (Намозатро) ду ракъатӣ (яъне қаср) бигузор, агар даҳ сол ҳам боқӣ монӣ»* (Мусаннафи Ибни Абушайба, 8. Ҷ. 2. – С. 341).

Аз Ибни Умар (рз) низ ривоят шудааст, ки *«Мо дар ғазое дар Озарбойҷон будем, ки муддати шаш моҳ барф бандон шуд. Намозро (дар ин муддат) ду ракъатӣ (қаср) мехондем»* (Сунани Куброи Байҳақӣ, 5577. Ҷ. 4. – С. 356). Нававӣ дар «Хулоса» исноди онро бар шарти Шайхайн гуфтааст. Ибни Ҳаҷар низ дар «Дироя» исноди онро саҳеҳ гуфтааст (Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 3, бахши 3-юм. – С. 307).

Аз ин ривоятҳо бармеояд, ки лашкари ислом дар сарзамини душман чанд муддате боқӣ монад, намозро қаср мегузорад, ҳарчанд бароҳшон маълум бошад, ки муддати зиёде дар он ҷо боқӣ мемонанд. Сарзамини душманро дар ин ҳолат «дору-л-ҳарб» мегӯянд, ки он ба вазъи ҷанг ва ё сулҳу ҷанг вобастагӣ дорад. Зеро бақои доимӣ ва пешбинии вазъи оянда дар он номумкин аст.

Вале набояд инро бо сарзаминҳои дигаре, ки мусулмонон дар он ҷойҳо ба сурати ақаллиятҳои динӣ зиндагӣ мекунанд ва дар вазъи ҷанг бо кофирон қарор надоранд, як донист ва дар он ҷойҳо низ нияти иқоматро нодуруст гуфт. Ба монанди аксари кишварҳои куфр, ки дар онҳо аз қадим ақаллиятҳои калони мусулмон зиндагӣ мекунанд.

[2] Тирмизӣ мефармояд: *«Аҳли илм бар ин нукта иттифоқи назар доранд, ки мусофир то вақте нияти иқомат накунад, намозашро қаср мехонад, ҳарчанд бар вай солҳо бигзарад»* (Сунани Тирмизӣ, шарҳи ҳадиси 548).

[3] Дар бораи воҷиб ва ё рухсат (ҷоиз) будани қасри намозҳои чаҳоррақъата дар сафар дар миёни мактабҳои фиқҳӣ назарҳои гуногуне вуҷуд дорад. Аз ҷумла имом Шофеъӣ (рҳ) ва баъзе аҳли илм бо такя ба зоҳири ояти қаср ва баъзе ривоятҳо онро ҷоиз донистаанд. Зеро дар оят мефармояд: **«Ва вақте дар рӯи замин ба сафар баромадед, бар шумо гуноҳе нест, ки намозро қаср намоед, агар аз фитнаи касоне, ки кофир шудаанд, бим дошта бошед»** (Сураи Нисо, 4: 101).

Чӣ тавре мебинем, оят қасрро воҷиб нагуфтааст, балки мефармояд, ки он барои шумо ҷоиз мебошад ва он бар шумо гуноҳе надорад. Он ҳам ба шарте ҷоиз аст, ки аз кофирон хавфи фитна дошта бошед.

Вале назари бузургони ҳанафӣ ва аксари аҳли салаф бар он аст, ки қасри намозҳои чаҳоррақъата дар сафарҳо воҷиб мебошад ва ин аз мувозабати расули Худо (с) ва аксари саҳобагони киром бар қасри он собит мешавад. Ибни Умар (рз) мефармояд: *«Дар сафар ҳамроҳ ва ҳамсуҳбати расули Худо (с) будам. Он ҳазрат (с) дар ҳеҷ сафаре аз ду ракъат зиёд намехонд. Бо Абубакр, Умар ва Усмон (низ дар сафарҳо) ҳамроҳӣ доштам. (Онҳо низ чунин мекарданд)»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1102).

Дар ривояти дигар аз Ҳафс ибни Осим омадааст, ки дар сафаре ҳамроҳи Ибни Умар будем. (Дар роҳ) бо мо намоз

над, яъне ҳар чаҳор ракъати онро хонад, намозаш ба шарти он ки дар қаъдаи аввал нишаста бошад, дуруст аст. Танҳо ин ки чун тарки воҷиб намудааст, гунаҳкор шуда, намозаш макрӯҳ хоҳад буд ва ду ракъати он нафл ҳисоб мешавад. Вале агар дар қаъдаи аввал нанишаста бошад, намози фарзаш ботил мегардад ва бояд онро аз сар хонад.

Ҳар гоҳ мусофир дар намози вақтӣ ба муқим иқтидо кунад, намозашро бо пайравӣ аз имоми муқим пурра мехонад, вале дар ғайри намози вақтӣ, яъне дар намозҳои қазоӣ, иқтидо кардани мусофир ба муқим ҷоиз нест.

Иқтидои муқим ба мусофир, чӣ дар намозҳои вақтӣ ва чӣ дар ғ.-и он, саҳеҳ аст. Аммо мусофир, вақте имом мешавад, бояд ба муқтадии муқим хабар диҳад, ки *«ман мусофир ҳастам, шумо намозатонро пурра намоед»* ва баъд аз он ки имоми мусофир дар ракъати дуюм салом медиҳад, муқим бархоста, намозашро пурра намояд.

гузорид ва вақте ба сӯи қавм баргашт, дид, ки мардуме (хеста) намоз мегузоранд. Пурсид: Онҳо чӣ кор мекунанд? Гуфтам: Намоз мегузоранд. Гуфт: Агар намозе мегузоштам, ҳамон чаҳор ракъат (фарз)-ро пурра мекардам!.

Он гоҳ фармуд: *«Эй бародарзодаам, расули Худо (с)-ро дар сафар ҳамроҳӣ кардам. Он ҳазрат (с) (дар сафар) аз ду ракъат зиёд намегузошт, то он ки Худои азза ва ҷал(л) ӯро қабз намуд. Бо Абубакр ҳамроҳӣ доштам. Вай аз ду ракъат зиёд намегузошт, то он ки Худованди азза ва ҷал(л) ӯро қабз кард. Бо Умар ҳамроҳӣ доштам. Вай низ (он намозҳоро) аз ду ракъат зиёд намегузорид, то он ки Худои азза ва ҷал(л) ӯро низ қабз кард ва бо Усмон низ ҳамроҳӣ доштам. Вай ҳам (намозҳои чаҳорракъатаро) аз ду ракъат зиёд намегузорид, то он ки Худои азза ва ҷал(л) ӯро ҳам қабз кард. Худои азза ва ҷал(л) фармудааст: «Барои шумо дар (ҳаёти) расули Худо намунаи неке вуҷуд дорад»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1101; Саҳеҳи Муслим, 1577 (689)-8, 1578 (…)-9; Сунани Абудовуд, 1223; Сунани Насоӣ, 1457; Сунани Ибни Моҷа, 1071).

Пайваста қаср хондани расули Худо (с) ва саҳобагони киром намозҳои чаҳорракъатаро дар сафарҳо далели вуҷуби қаср ба шумор меравад. Дар ривояти дигар омадааст, ки: Яъло ибни Умайя аз Умар (рз) пурсид: Худованд қасрро дар оят ба ҳолати хавф аз фитнаи кофирон вобаста ва машрут донистааст. Ҳоло, ки мардум эмин гаштаанд, дигар чаро қаср мехонанд?

Гуфт: Ман низ аз ин оят ба монанди ту тааҷҷуб намудам ва расули Худо (с)-ро дар бораи он пурсидам. Фармуд: ***(Он) садақаест, ки Худо онро ба шумо додааст. Пас садақаи Ӯро бипазиред»*** (Саҳеҳи Муслим, 1574 (686)-4). Яъне соқит намудани ду ракъати охири намозҳои чаҳорракъата дар сафарҳо садақаест, ки Худо ба мусулмонон ато намудааст, онҳо набояд онро рад намоянд.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ САФАР ВА МУСОФИР

1. Агар дар ибтидои вақт муқим бошад ва пеш аз хондани намоз ба сафар барояд, ин намозашро мусофирона бихонад. Ҳамчунин, агар дар аввали вақт мусофир бошад ва пеш аз хондани намоз муқим гардад, намозашро муқимона бихонад.

2. Агар истгоҳи роҳи оҳан ва ё фурӯдгоҳи ҳавоӣ аз шаҳр берун ҷой гирифта бошанд, мусофир дар рафту баргашт дар он ҷойҳо намозашро мусофирона мегузорад.

3. Мусофир агар дар ҷои мутмаин бошад, суннатҳои муаккадаро бигузорад, вале агар шитоб дошта бошад, ки аз қатора, мошин ва ё ҳамроҳонаш дер намонад, дар ин сурат метавонад суннатҳоро тарк намояд.

4. Мусофир бо чаҳор чиз муқим мегардад: 1. Ин ки дар ҷое, ки қобили сукунат ва дорои шароити буду бош аст, нияти иқомати понздаҳрӯза ё бештар аз он намояд. 2. Ё ин ки нияти иқоматро ба тариқи тобеъият пайдо кунад. Ба воситаи нияти иқомати шавҳар, хӯҷаин ва фармондеҳи лашкар зан, ғулом ва сарбозон муқим мегарданд, ҳарчанд худи онҳо нияти иқомат накарда бошанд. 3. Дохил шудан ба ватани аслӣ. 4. Қасди баргашт аз ҷое, ки ҳанӯз ба масофаи сафар нарасидааст. Мас., қасди маконеро дошт, ки аз ватанаш то он ҷо шонздаҳ фарсанг роҳ буд, вале ба он ҷо нарасида, аз ҳашт фарсангӣ баргашт.

5. Иқомат аз чаҳор бахш ба вуҷуд меояд:

а) Ният. Бе нияти ҳеҷ мусофире муқим намегардад, агарчи тамоми муддат дар як ҷой бимонад. Мас., агар шахсе вориди шаҳре гардад ва ҳар рӯз аз он шаҳр қасди рафтанро дошта бошад, вале бар асари пешомаде (ҳодиса ва амре) натавонад берун равад ва ба ҳамин ҳол чандин моҳ ё сол дар он шаҳр боқӣ монад, вай дар тамоми ин муддат шаръан мусофир аст ва ҳеҷ гоҳ муқим намегардад. Зеро нияти онро накардааст.

б) Муддати иқомат, ки камтарин ҳадди он понздаҳ рӯз аст. Агар аз ин муддат камтар нияти иқомат намояд, муқим намегардад.

в) Дар як ҷой мондани понздаҳ рӯзро қасд намояд. Агар нияти таваққуфи понздаҳрӯзаро дар деҳоти гуногун дошта бошад, муқим на-

мегардад. Вале ноҳияҳои гуногуни як шаҳр ҳукми як ҷойро доранд.

г) Нияти иқомат дар ҷое намояд, ки одатан ва урфан қобили сукунат бошад. Бинобар ин, нияти иқомат дар биёбон, ҷангал, киштӣ ва ҳавопаймо ҷоиз нест ва бо ин гуна ният мусофир муқим намегардад.

6. Хонабадӯшон ва саҳронишинони кӯчманчӣ ҳамон хаймаҳо ва хонаҳои нимкорае, ки доранд, барояшон ҷои иқомат ба шумор мераванд ва бояд ҳамеша намозро пурра бихонанд, зеро бо нияти мусофират сафар намекунанд, балки танҳо аз як чашмаи об ба чашмаи дигар, аз як дара ба дараи дигар ва аз як деҳу чарогоҳ ба ҷои дигар мераванд. Вале агар онҳо низ бо нияти мусофират озими сафар шаванд, мусофир дониста мешаванд ва аҳкоми сафар бар онҳо татбиқ меёбанд.

7. Шахсоне, ки ба воситаи тобеъият муқим мегарданд, ба монанди сарбозон ва аёл, вақте муқим мегарданд, ки аз нияти фармондеҳ ва шавҳари худ огоҳ шаванд. Пеш аз огоҳӣ мусофир ба шумор мераванд.

8. Яке аз шартҳои ин навъ сафар доштани салоҳияти мустақилона сафар намудан аст. Шахсоне, ки аз чунин салоҳият маҳрум мебошанд, ба монанди зан, хидматгор, сарбоз ва ғайра ҳеҷ гоҳ нияти сафари онҳо эътибор намешавад. Онҳо дар сафару иқомат тобеи нияти шавҳар, мавло ва фармондеҳи худ мебошанд.

АҲКОМИ ГУНОГУНИ НАМОЗИ МУСОФИР

Ҳар гоҳ мусофире муқим гардад ва бихоҳад намозҳои дар сафар қазошударо адо намояд, бояд фарзҳои пешину аср ва хуфтанро қаср бихонад ва ҳамин тавр, агар дар сафар бихоҳад намозҳоеро, ки дар ҳоли иқомат қазо шудааст, ба ҷо оварад, бояд намозҳои зикршударо пурра бихонад:

Қаср хондани фарзҳои чаҳорракъатӣ барои ҳар мусофире, агарчи барои корҳои номашрӯъ ва гуноҳ, ба монанди дуздӣ ва роҳзанӣ сафар карда бошад ҳам, лозим аст.

ВАТАН КУҶОСТ?

1. Ватани аслӣ ҷоест, ки одамӣ дар он таваллуд ва нашъунамо ёфтааст, ки ба он ватани фитрат гуфта мешавад ё барои истиқомат ва зиндагии худ ва аҳлу аёлаш бо нияти сукунати доимӣ ихтиёр кардааст, хоҳ дар он ҷо ба дунё омада бошад ё не, зодгоҳаш набошад, балки дар он ҷо зан гирифта ё коре пайдо намуда, қасди истиқомати доимӣ намояд.[1]

2. Шахсе дар ватани аслиаш, ки дар он ба дунё омадааст, муддате ба сар бурда ва баъд бо аҳлу аёлаш ба ҷои дигаре бикӯчад ва он ҷоро барои истиқомат ва зиндагии доимии худ баргузинад, он ҷо ватани аслии ӯ мегардад ва ватани аслиаш аз ватани қаблӣ ба ҷои зисти наваш табдил меёбад.

Агар касе бе қасди истиқомат ва нияти зиндагонии доимӣ дар ҷое муддате ҳар чанд дароз бимонад, он ҷо ватани иқомат ҳисоб мешавад, на ватани аслӣ, монанди донишҷӯе, ки муддате барои таҳсил дар шаҳре мемонад.

Ватани аслӣ танҳо бо ватани аслӣ ботил (бекор) мешавад, мас., шахсе аз зодгоҳаш ба шаҳри дигаре кӯчида, он ҷоро барои зиндагонии доимии худ ватан ихтиёр кунад. Пас ҳар гоҳ ба ватани аввалини худ биравад, мусофир аст. Расули Худо (с) ва ҷамоаи муҳоҷирон вақте Макка – ватани аслиашонро тарк намуда, Мадинаро барои сукунати доимии худ интихоб карданд, Мадина ватани аслиашон гардид ва баъдҳо ҳар боре ба Макка сафар мекарданд, намозҳояшонро дар он қаср мехонданд, ба ҷуз мавридҳои хоссе, ки тафсили он дар китобҳои фиқҳ баён гардидааст.

Ватани аслӣ бо ватани иқомат ботил намешавад, зеро он дар мартабаи поёнтар қарор дорад. Мас., донишҷӯе, ки барои таҳсил муддате дар шаҳре истиқомат кунад, ҳар гоҳ ба ватани аслии худ, ҳарчанд барои муддати кӯтоҳе ҳам

[1] Ватани аслӣ ду навъ ё ба ду мартаба аст: Ҷое, ки дар он таваллуд ва нашъунамо ёфтааст, ки ба он зодгоҳ ва ватани фитрат гуфта мешавад ва ҷое, ки онро баъдан барои зиндагии худ ва хонаводааш ихтиёр кардааст, ки ба он ватани қарор мегӯянд. Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ватани аслии навъи аввал он ҷоест, ки дар он ба дунё омадааст ва назди имом Абуюсуф (рҳ) он ҷоест, ки дар он нашъунамо ёфтааст. Дар охири Заҳирия овардааст: Аз марде пурсида шавад: Ту аз куҷоӣ ва бигӯяд: Назди Абуҳанифа аз Басра ва назди Абуюсуф аз Куфа, ин ба он маъност, ки дар Басра таваллуд ва дар Куфа нашъунамо ёфтааст (Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Ҷ. 2, зайли моддаи «ватан»).

биёяд, мусофир ба шумор намеравад, бояд намозашро пурра бихонад.

Ватани иқомат бо ватани иқоматии дигар, бо сафар намудан ва ҳамчунин бо ватани аслӣ ботил мешавад.

Ватан аз лиҳози шаръӣ се қисм аст:

а) Ватани аслӣ, ки баёни он гузашт.

б) Ватани иқоматӣ.

в) Ватани сукунати гузаро.

1) Ин нуктаро низ дар бораи ватани аслӣ меафзоем, ки он ҳамон гуна ки дидем, метавонад як ҷой бошад ва ба макони нав табдил ёбад, ҳамчунин метавонад чанд ҷой бошад. Мас., шахсе дар шаҳрҳои гуногуне чанд зан дорад, ки дар он шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд ва муқими ҳамон ҷойҳоянд. Ҳамаи ин шаҳрҳо барои шавҳар ватани аслӣ ба шумор меоянд ва ба маҳзи дохил шудан ба яке аз онҳо муқим мегардад.

Агар падару модар ва хешовандони шахс дар шаҳре зиндагонӣ кунанд ва аҳлу аёлаш дар шаҳри дигаре, ватани аслии он шахс ҳамон шаҳрест, ки аҳлу аёлаш дар он ҷо зиндагонӣ мекунанд.

Падару модар бо он ҳама эҳтиром ва ҳуқуқҳое, ки шаръан бар фарзандони худ доранд, агар дар ҷои дигар зиндагӣ кунанд, бо омадан ба хонаи фарзандон, вақте шароити сафари шаръӣ фароҳам шуда бошанд, тамоми аҳком ва сабукиҳои пешбининамудаи шаръ, ба монанди қаср хондани намоз, ифтори рӯза, масҳи мусофирона ва ғ. бароятон собит мегарданд.

2) Ватани иқоматӣ иборат аз ҷоест, ки мусофир дар он ҷо нияти понздаҳрӯза иқомат ва ё бештар аз онро намояд.

3) Ватани сукунати гузаро ҷоест, ки мусофир қасди иқомати камтар аз понздаҳ рӯзро дар он бинамояд.

Ҳар ду навъи ватани аслӣ ва ватани иқоматӣ бо фароҳам омадани шароити хосси худ ва ният ҳукм (статус)-и худро пайдо мекунанд. Дар ватани аслӣ нияти зиндагонии ҳамешагӣ шарт аст ва дар ватани иқоматӣ нияти зисти муваққат ва сипас баргашт шарт аст. Камтарин муддати зисти муваққатӣ понздаҳ рӯз мебошад. Агар шахсе солиёни дароз ҳамроҳ бо аҳлу аёлаш дар ҷое ба сар барад, чун нияти оқибат баргаштанро аз он ҷой дошта ва зиндагии якумраро қасд надошта бошад, боз ҳам он ҷо ватани аслиаш намегардад.

Ҳукми ватани аслӣ он аст, ки ҳамеша намозашро дар он комил (пурра) ба ҷой меоварад;

Ҳукми ватани иқоматӣ низ он аст, ки то замоне ки дар он ҷо муқим аст, намозашро пурра мегузорад ва ҳамин ки барои тай кардани масофаи сафари шаръӣ аз он ҷо берун шуд, мусофир мегардад. Нияти иқоматаш бекор (ботил) гашта, намозашро мусофирона ба ҷой меоварад. Агар дубора ба ватани иқоматиаш баргардад, нияти иқомати нав лозим меояд, яъне сафари шаръӣ нияти иқомат ва ватани иқоматиро бекор месозад;

Ҳукми ватани сукунати гузаро он аст, ки бо вуҷуди будубошаш барои чанд муддате дар он ҷо, ҳамчунон мусофир боқӣ мемонад ва намозашро мусофирона ба ҷой меоварад.

ТАФСИЛИ ПОРАЕ АЗ МАСОИЛ ВА АҲКОМИ ТАЯММУМИ МУСОФИР

1. Агар шахсе аз сабаби набудани об тибқи меъёрҳо ва дастуроти муайянгардида, таяммум гирад ва савори мошин ё қатора (поезд) гардад, дар тӯли роҳ агар борҳо чашмаш ба ҷӯй ё нуқтаҳои об афтад ҳам, таяммумаш бо ин гуна дидани об намешиканад, зеро ба истеъмоли он қодир нест.

2. Агар дар истгоҳ қатора бозистад ва об ҳам мавҷуд бувад, таяммумаш мешиканад, зеро об дар дастрасаш қарор гирифта ва ба истеъмоли он қодир гардидааст. Агар дар истгоҳ вузӯ нагирифт ва қатора ба роҳ баромад, дубора таяммум бигирад.

3. Агар зарфи обе барои вузӯ омода намуд ва зери миз гузошт, сипас обро фаромӯш намуда, таяммум гирифт ва намозашро бо таяммум ба ҷой овард, вале баъдтар об ба ёдаш омад, иъодаи намоз воҷиб нест, агарчи вақт барои он боқӣ бошад. Агар зарфи обро болои миз дар рӯ ба рӯяш гузошта бошад ва онро фаромӯш кунад, он гоҳ бо таяммум намоз хонад, дар ин сурат, вақте об ба ёдаш мерасад, бояд вузӯ гирифта, намозашро иъода намояд.

4. Агар дар зарфе ба андозаи вузӯ об мавҷуд бошад, вале ба гумони ин ки дар зарф обе нест, таяммум гирад ва намоз хонад, пас аз он

маълум гардад, ки дар зарф об будааст, дар ин сурат воҷиб аст вузӯ гирифта намозашро аз сар бихонад, хоҳ вақт боқӣ бошад, ё не.

5. Агар дар қатора ғолиби гумони мусофир ин бошад, ки дар истгоҳ об ба даст меояд ва вақт ҳам гунҷоиш дорад, аммо бо вуҷуди ин таяммум намуда, намоз хонад, ҷоиз мебошад, вале беҳтар аст, ки он истгоҳро мунтазир гардад ва ба об бирасад.

6. Агар дар қатора таяммум гирад ва ба намоз шурӯъ кунад, аммо пеш аз хатми намоз қатора ба истгоҳ расад, агар дар он ҷо наистад ё истад, аммо об ёфт нашавад, намозаш ҷоиз аст, вале агар об ёфт шавад ва бар истеъмоли он низ қудрат дошта бошад, намозаш ҷоиз намегардад. Бояд вузӯ гирифта, намозро аз сар бихонад.

7. Дар мусофират агар шахс бими онро дошта бошад, ки чун ба дунболи таҳияи оби вузӯ шавад, мумкин аст бору бизоъаташ талаф ёбад ва касе ҳам пайдо намешавад, ки бо музд барояш об биёварад, дар ин сурат таяммум ҷоиз аст.

8. Бар гарду ғуборе, ки бар курси (нишастгоҳ)-ҳои қатора нишастааст, таяммум гирифтан ҷоиз аст.

9. Вақте қатора дар ҳаракат бошад ҳам, хондани намоз ҷоиз аст. Вале дар ҳудуди имкон ва тавон беҳтар аст кӯшиш шавад ҳамин ки қатора дар истгоҳ таваққуф кард, фуруд ояд ва намозашро бо оромӣ ба ҷой оварад.

10. Дар ҳоли ҳаракати қатора беузр нишаста хондани намоз ҷоиз нест.

11. Рӯй овардан ба қибла дар мобайни қатора, чи дар ҳолати ҳаракат бошад, чи истода, лозим аст. Ин ҳама дар сурати имкон аст.

12. Агар имкони рӯй овардан ба қибла ва ё истода хондани намоз набошад, нишаста ва ба ҳар тараф, ки қодир бошад ва қатора ӯро бигардонад, намозашро бигузорад. Аммо дар оғози намоз кӯшиш намояд, то рӯяшро ба сӯи қибла намояд.

АҲКОМИ САФАРИ БАҲРӢ

Аҳкоми мусофирати баҳрӣ, ки бо киштӣ сурат мегирад, ҳамон аҳкоми сафари хушкӣ аст ва танҳо дар чанд маврид фарқ мекунад, ки баёнаш чунин аст:

1. Дар сафари заминӣ се рӯз мусофират, ба масофаи шонздаҳ фарсанг (78 километр) роҳ муайян ва андозагирӣ шудааст. Вале дар сафари баҳрӣ ва кӯҳ ин қадар масофат дар назар гирифта нашудааст, балки бояд мулоҳиза шавад, ки киштии миёнарав ҳангоми вазидани бодҳои муътадил дар зарфи се шабонарӯз чӣ қадар масофаро тай мекунад, ҳамон миқдор масофаи қаср аст. Ҳамчунин, дар сафари кӯҳ одами миёнаҳол ва миёнақувват дар зарфи се шабонарӯз чӣ андоза масофаро тай мекунад, дар ин ҷо низ ба ҳамин миқдор масофа ҳукми қаср дода мешавад.

2. Дар киштӣ намозро бе узр нишаста хондан, ҷоиз нест, вале дар сурати узр метавонад намозашро нишаста бигузорад ва дар ҳар ҳол рӯй овардан ба қибла лозим аст.

АҲКОМИ САФАРИ ҲАВОӢ

Аҳкоми сафари ҳавоӣ ҳамон аҳкоми сафари заминӣ мебошанд. Гузоридани намоз дар ҳавопаймо то вақте дар саҳни фурӯдгоҳ қарор дошта бошад, ба монанди қатора (поезд) аст. Бо иттифоқ намоз дар он ҷоиз аст. Ва вақте ба парвоз даромад, бинобар саҳеҳтарин қавл (гуфта)-ҳо намоз дар ин ҳолат низ ҷоиз аст.

Агар дар ҳавопаймо намозро битавонад истода бигузорад, беҳтар аст ва дар ғайри он намозро нишаста ба ҷой оварад.

Агар дар ҳавопаймо об бошад, вузӯ бигирад ва агар набошад, таяммум, ба шарти хавфи фавт гардидани вақти намоз пеш аз расидан ба мақсадгоҳ, ҷоиз аст.

Ҳамон гуна ки дар қатораву киштӣ рӯй овардан ба қибла лозим мебошад, дар ҳавопаймо низ лозим аст. Агар ҷиҳати қибла барои вай ва дигар мусофирони ҳамроҳ маълум набошад, таҳарро[1] намояд.

НАМОЗҲОИ СУННАТ ДАР САФАР

Дар бораи хондан ва ё тарки суннатҳои муаккада, яъне суннатҳое, ки ҳамроҳи (пеш ё баъд аз) фарзҳо хонда мешаванд ва ба онҳо сун-

[1] Таҳарро ё таҳаррӣ –пас аз диққату баррасӣ ва ба харҷ додани кӯшиш дар ёфтани ҳақиқат ва ё ваҷҳи беҳтари коре, қасди он кор намудан; ҷустуҷӯ кардани ҳақиқат ва ваҷҳи савоби коре; ҷустуҷӯи ҷиҳати қибла.

натҳои ротиба (ҷ. равотиб) низ гуфта мешавад, дар сафар осор ва ривоятҳои гуногуне омадааст. Дар ривоятҳои Ибни Умар (рз) омадааст, ки расули Худо (с), Абубакр (рз), Умар (рз) ва Усмон (рз) (Саҳеҳи Бухорӣ, 1101, 1102; Саҳеҳи Муслим, 1577-78 (689)-8, 9) намозҳои суннатро дар сафар тарк мекарданд. Дар ривояте аз Баро ибни Озиб (рз) омадааст: ***«Дар ҳаждаҳ сафар бо расули Худо (с) ҳамроҳ будам (ва) ӯро надидам, ки ду ракъат намози пеш аз пешинро баъд аз заволи офтоб тарк карда бошад»***.[1] Илова бар ин, ривоятҳои дигаре низ омадааст, ки паёмбар (с) дар сафар ҳам намози нафлро тарк намекард, балки савори шутур ва рӯй ба ҳар тарафе, ки буда, бо ишора намоз мегузорид.

Донишмандон онҳоро бо ҳам чунин татбиқ додаанд, ки дар он таъкиде, ки дар бораи суннатҳои муаккада гардидааст, дар сафар тахфиф ба вуҷуд меояд ва ба сурати нафли мутлақ дар меоянд. Аз ин рӯ, бештар ба ҳоли мусофир бастагӣ доранд. Мусофире, ки вақти кофӣ дошта бошад ва бе эҷоди ҳеҷ гуна мушкилӣ ва машаққате барои худ ва ҳамроҳонаш битавонад суннатҳоро ба ҷо оварад, беҳтар аст суннатҳоро бихонад, вале агар вақти кофӣ надошта ва ё ҳамроҳонаш шитоб дошта бошанд ва ё узри дигаре пеш ояд, суннатҳоро тарк намояд. Ба ҳар сурат назди бузургони ҳанафӣ ва шофеъӣ мустаҳаб аст, ки суннатҳои ротиба дар сафар ҳам, агар узре набошад, ба ҳайси нафл ба ҷой оварда шаванд, зеро онҳо мукаммили фарзҳо мебошанд ва расули Худо (с) дар сафар низ бар нафлҳо мудовамат варзидааст. Назди пешвоёни ҳанбалӣ мусофир дар гузоридан ва ё тарки онҳо мухайяр аст.

Назари Ибни Умар (рз) ва қисмате аз тобеин бар тарки суннатҳои ротиба дар сафар буда, вале бино ба ривояти Ибни Абушайба аз Ҳасани Басрӣ (рҳ) (Мусаннаф, 3860. – Ҷ. 1. – С. 319) саҳобагони паёмбар (с) дар сафар суннатҳои ротибаро ба ҷой меовардаанд. Аз ҷумла аз Умар (рз), Алӣ (рз), Ибни Масъуд (рз), Ҷобир (рз), Анас (рз), Ибни Аббос (рз), Абузар (рз) ва ҷамъи зиёде аз тобеин чунин ривоят шудааст[2] ва қавли имом Молик (рҳ), Шофеъӣ (рҳ), Исҳоқ (рҳ) ва дигар аимма низ ҳамин буда. Аз имом Аҳмад (рҳ) ривоят шуда, ки фармуд: Умед дорам гузоридани суннатҳо ва татаввуоти қабл ва баъди фароиз дар сафар низ ҳеҷ боке надошта бошад[3] ва ба гуфтаи Нававӣ дар Шарҳи Муслим назари ҷумҳури аҳли илм истеҳбоби гузоридани суннатҳои ротиба дар сафар аст.[4]

Тирмизӣ пас аз ривояти Баро ибни Озиб (рз) сухани мунсифонае гуфтааст, ки фикр мекунам хулосаи назари аҳли суннат ва мавқеи аҳли илмро дар бораи суннатҳои ротиба дар сафар баён кардааст: Аҳли илм пас аз паёмбар (с) (дар бораи суннатҳои ротиба дар сафар) ихтилофи назар доштаанд. Баъзе асҳоби паёмбар (с) бар онанд, ки мард дар сафар татаввуъ – суннатҳои ротибаро ба ҷой оварад ва Аҳмад ва Исҳоқ бар ин қавланд. Тоифае аз аҳли илм бар ин назаранд, ки дар сафар пеш ва баъд аз фарзҳо намозе гузорида нашавад ва маънои сухани касе, ки мегӯяд дар сафар намози татаввуъ нагузорад, қабули рухсат аст (дар тарки он, на мамнӯъ будани он ба таври куллӣ) ва касе татаввуъро гузорад, низ ихтиёр дорад ва ин барояш фазли зиёде аст ва ин қавли аксари аҳли илм аст, ки гузоридани татаввуъ – суннатҳои ротибаро дар сафар ихтиёр кардаанд.[5] Ибни Ҳаҷар ривояти Баро ибни Озибро дар муқобили қавли мутлақи Ибни Қаййим донистааст, он ҷо ки дар ал-Ҳадӣ овардааст: Равиши паёмбар (с) дар сафар иқтисор бар фарз буда ва аз паёмбар (с) ёд нашуда, ки суннатҳои пеш ва баъд аз фарзҳоро ба ҷуз сунна-

---

[1] Сунани Абудовуд, 1222; Сунани Тирмизӣ, 550. Тирмизӣ онро ҳадиси ғариб гуфтааст, вале афзуда: Муҳаммад – Бухориро аз он пурсидам, онро ҳасан донист. Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 3. – С. 484) ва Муборакфурӣ дар Туҳфа (Ҷ. 3. – С. 143, 144) сиҳҳати онро таъйид намудаанд, вале баъзе тахриҷгарони мутааххир таҳсини Бухориро луғавӣ ва ҳадисро ба сабаби вуҷуди Абубусраи Ғифорӣ дар санадаш заъиф гуфтааст. Дар ҳоле ки Абубусраро баъзе асҳоби ҷарҳу таъдил, ба монади Ибни Ҳаҷар дар Тақриб мақбул (7955/2/631), Ибни Ҳиббон дар Хулоса сиқа ва Иҷлӣ тобеии маданӣ ва сиқа (Таҳзибу-т-таҳзиб. – Ҷ. 4. – С. 485) гуфтаанд ва баъзе дигар, ба монанди Заҳабӣ дар Лисону-л-мизон номаъруф гуфтааст.

[2] Мусаннафи Ибни Абушайба. – Ҷ. 2. – С. 318-319.

[3] Абдуллоҳ ибни Аҳмад маъруф ба Ибни Қудомаи Мақдисии Ҳанбалӣ, Алмуғнӣ. – Ҷ. 3. – С. 156. – Риёз, 1997.

[4] Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 146, ба нақл аз Шарҳи Нававӣ бар Муслим (3/218).

[5] Сунани Тирмизӣ бо шарҳаш Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 144, 145.

ти бомдод дар сафар гузорида бошад.[1]

Вақте аксари аҳли илм, бино ба гуфтаи Тирмизӣ ва ҷумҳур ба гуфтаи Нававӣ, гузоридани татаввуъ – суннатҳои ротибаро дар сафар ихтиёр карда ва тоифае аз онҳо, ки бар адами татаввуъ назар дода, тарки онро аз боби рухсат донистаанд, на ба маънои мамнӯъ будан, пас назари онҳо дар бораи ривояти Ибни Умар (рз) чӣ буда ва онро ба кадом ҳолат хос донистаанд. Ин ҷост, ки фармудаи Нававӣ дар ин маврид қувват пайдо мекунад, он ҷо ки мефармояд: Шояд паёмбар (с) суннатҳои ротибаро дар бору бунааш гузорида бошад ва Ибни Умар ӯро надида бошад, зеро гузоридани нофила дар хона афзал аст ва шояд ҳам онҳоро дар баъзе вақтҳо (сафарҳояш) тарк карда бошад, то (саҳобагонро) бар ҷавози тарки он огоҳ намояд. Ҷавоби онҳое, ки мегӯянд: Агар гузоридани суннатҳои ротиба (дар сафар) машрӯъ мебуд, пас итмоми фароиз авло ва беҳтар буд, ин аст, ки намозҳои фариза дар сафарҳо ба сурати қаср машрӯъ гашта, вале навофил ба ихтиёри мукаллаф мавкул буда, пас рифқ (нармӣ) он аст, ки (дар сафар) ҳам ҳамчунон машрӯъ ва ба ихтиёри шахси мукаллаф вогузор бошанд, то агар касе гузоридани онҳоро интихоб намояд, аҷрашро ба даст меорад ва агар таркашро баргузинад, чиз (вабол)-е бар вай набошад.

Уламо дар истиҳбоби навофили мутлақа, ба монанди нафлҳои шабона, намози чошт ва ғ. дар сафар иттифоқи назар доранд, вале дар бораи навофили ротиба ихтилофи назар доранд, ки Ибни Умар ва баъзеи дигар гузоридани онҳоро дар сафар макрӯҳ донистаанд ва Шофеъӣ ва ҷумҳур (-и аимма) онро мустаҳаб медонанд. Далели онҳо дар ин бора ҳадисҳои умумӣ ва мутлақе ҳастанд, ки дар надб ва истеҳбоби навофили ротиба омадаанд ва ҳамин тавр ҳадиси гузоридани он ҳазрат (с) намози чоштро рӯзи фатҳи Макка ва ҳадиси гузоридани он ҳазрат (с) ду ракъат суннати намози бомдодро пас аз баромадани офтоб (ҳамроҳ бо фарзаш) ва аҳодиси саҳеҳи дигаре ҳастанд, ки онҳоро асҳоби Сунан ривоят кардаанд.[2] Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ ва Муборакфурӣ дар Туҳфа низ ин назарро таъйид кардаанд.

Худи Ибни Умар (рз), ки назараш бар тарки суннатҳои ротиба дар сафар аст, нафлҳои мутлақро дар сафар савори роҳила гузоридааст.[3] Имом Молик дар балоғоти худ аз Нофеъ ривоят карда, ки Ибни Умар писараш Убайдуллоҳро дар сафарҳо медид, ки суннатҳои ротибаро ба ҷой меовард, вале инро аз ӯ инкор намекард.[4]

Ба ҳар сурат, сухани фаслро дар ин бора худи Тирмизӣ гуфтааст, ки пас аз паёмбари акрам (с) дар ин масъала дар байни саҳобагони киром ва аҳли илми пас аз онҳо ихтилофи назар вуҷуд дошта ва аксари онҳо бар истеҳбоби гузоридани суннатҳои ротиба дар сафар назар додаанд.

Дар ин миён ба суннати намози бомдод (ва витр, ки дар назди баъзе аиммаи дин суннат аст) таъкиди бештар шуда, расули Худо (с) ҳеҷ гоҳ онҳоро – на дар ҳазар ва на дар сафар тарк накардааст.[5] Бинобар ин, онҳоро дар са-

---

[1] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 3. – С. 484.

[2] Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 146, ба нақл аз Шарҳи Нававӣ бар Муслим (3/218).

[3] Ҳамончо, 3861. – Ҷ. 2. – С. 319.

[4] Муваттаи имом Молик, 352, вале он мунқатеъ аст. Ҳамчунин дар Сунани Тирмизӣ (551, 552) аз худи Ибни Умар (рз) ривоят шуда, ки паёмбар (с) суннатҳои пас аз фарзҳоро дар сафар мехонд ва Тирмизӣ онро аз ду тариқ ривоят карда ва ба сабаби мутобее, ки дорад, онро саҳеҳ гуфтааст. Дар санади ривояти аввал Ҳаҷҷоҷ ибни Артаа ва Атия вуҷуд доранд, ки ҳар ду назди асҳоби ҷарҳу таъдил садуқ, вале касирулхато ва мудаллис ҳастанд ва дар санади ривояти дуюм Ибни Абулайло вуҷуд дорад, ки ӯ низ садуқ аст, вале ба суи ҳифз шинохта шудааст. Пас ин ҳадис бо маҷмӯи роҳҳояш тибқи таърифи ҳадиси ҳасан лиғайриҳи назди коршиносони соҳа ба дарачаи ҳасан мерасад. Ҳадиси ҳасан лиғайриҳи он аст, ки дар баъзе ровиёнаш заъфи нисбие, ба монанди суи ҳифз, хато дар ривоят ва тадлис мушоҳида шавад, вале он ба сурати мутобеъ ва ё шоҳид аз роҳҳои дигар низ ривоят шуда бошад. Маҷмӯи ин роҳҳо заъфи нисбии ҳадисро ҷуброн ва онро ба дарачаи ҳасан лиғайриҳи мерасонанд. Аммо агар дар баъзе ровиёнаш заъфи ҷиддӣ – шадид вуҷуд дошта бошад, мас., ба кизб ва ё вазъи ҳадис муттаҳам шуда бошанд, дигар ҳеҷ чизе онро аз заъфаш берун карда наметавонад. Вале дигарон онро ба сабаби вуҷуди Ҳаҷҷоҷ ибни Артаа, Атия ва Ибни Абулайло дар санади худ ва мутобеаш заъиф донистаанд. Ин ҳадис дар Муснади Таҳовӣ (3983. – Ҷ. 4. – С. 367) низ ривоят шудааст. Дар ин ҳадис чизи дигаре боқӣ мемонад ва он аз таоруз бо ҳадиси саҳеҳе иборат аст, ки аз Ибни Умар дар бораи нагузоридани навофили ротиба дар сафар ривоят шудааст. Таорузи онҳо бо шарҳ ва тавзеҳе, ки аз Нававӣ дар матн дар бораи онҳо баён гардид, бартараф мешавад.

[5] Маҳмуду-л-фатово. – Ҷ. 1. – С. 257; Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 2. – С. 289; Фатҳу-л-мулҳим. – Ҷ. 2. – С. 251. Дар саҳеҳи Муслим дар бораи достони ба хоб мондани паёмбари акрам

фар ҳам бояд ба ҷой овард.

Гузоридани намозҳои нафли мутлақ, ба монанди намози шаб (таҳаҷҷуд), намози шукри вузӯ, таҳияи масҷид ва ғ. ба иттифоқи ҳамаи аимма ҳамеша – дар сафару ҳазар ҷоиз мебошад.

ҶАМЪИ БАЙНИ ДУ НАМОЗ

Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ كَانَتۡ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ كِتَٰبٗا مَّوۡقُوتٗا

«Албатта, намоз барои муъминон фарзест бо вақтҳои муқарраргардида».[1]

Ҷамъ намудани ду намоз дар як вақт ба ду сурат аст: ҷамъи феълӣ ва вақтӣ.

Ҷамъи феълӣ: он аст, ки намозгузор намози пешинро ба таъхир андохта, онро дар охири вақташ бигузорад ва намози асрро таъҷил намуда, дар аввали вақташ бигузорад. Ҳамчунин намози шомро дар охири вақти он ва намози хуфтанро дар аввали вақташ ба ҷо оварад. Чунин ҷамъро ҷамъи феълӣ мегӯянд, ки дар истилоҳи фақеҳон ба *«ҷамъи сурӣ ё суварӣ»*, яъне ба зоҳир ва дар сурат маъруф мебошад.

Албатта, чунин ҷамъ намудани байни ду намоз дар шариат ҳеҷ мамнӯияте надорад, зеро ҳар намоз дар вақти худ ба ҷо оварда мешавад ва танҳо дар зоҳир бо ҳам ҷамъ гардидаанд. Вале агар зарурате вуҷуд надошта бошад ва намозгузор фурсати кофӣ дар ихтиёр дошта бошад, ҳар намозеро дар вақти мустаҳаббии он ба ҷо овардан беҳтар аст. Зеро дар сурати ҷамъи феълӣ намозҳо баъзан аз вақтҳои мустаҳаббии худ берун мешаванд. Дар сафар, машғулияти сахт, сардии ҳаво ва дигар заруратҳо ҷамъи сурӣ бе ҳеҷ гуна ҳараҷе ҷоиз мебошад.

Ҷамъи вақтӣ – он аст, ки намози як вақт ба вақти намози дигар оварда шавад ва ҳар ду намоз якҷоя дар як вақт гузорида шаванд. Намози асрро ба вақти намози пешин ва намози хуфтанро ба вақти намози шом оварда шавад, ки ба он *«ҷамъи тақдим»* гуфта мешавад. Ё намози пешинро ба вақти намози аср ва намози шомро ба вақти намози хуфтан бурда шавад, ки ин суратро *«ҷамъи таъхир»* мегӯянд. Чунин ҷамъро дар истилоҳи фақеҳон *«ҷамъи ҳақиқӣ»* мегӯянд.

Берун намудани як намоз аз вақти худаш ва ба ҷо овардани он дар вақти намози дигар бо ҳамроҳии он ки ба он «ҷамъи байни салотайн» гуфта мешавад, дар назди ҳанафиён на дар сафар (ба ҷуз ҳаҷ) ва на дар ҳазар ҷоиз нест.

Ҷамъи ҳақиқӣ танҳо дар мавсими ҳаҷ барои ҳоҷиён суннат мебошад. Онҳо дар рӯзи Арафа намози асрро дар вақти намози пешин дар Арафот ҷамъи тақдим ва намози шомро дар вақти намози хуфтан дар Муздалифа ҷамъи таъхир менамоянд ва онҳоро ба сурати намози қаср ба ҷо меоваранд.

Дар назди дигар мазҳабҳои исломӣ ҷамъи ҳақиқӣ, чи дар ҳаҷ бошад, чи дар сафарҳои дигар, ҷоиз аст.[2] Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷамъи ҳақиқӣ низ риояи тартиби намозҳо, яъне аввал пешин баъд аср ва аввал шом баъд хуфтан зарурӣ аст.

(с) аз намози бомдод аз Абуқатода омадааст: ***«… Пас аз он ду ракъат суннати пеш аз фарзи бомдодро гузорид, он гоҳ ду ракъат фарзи бомдодро…»*** 1560 (681)-311).

[1] Нисо, 4: 103.

[2] Дар бораи ҷамъи ду намоз дар як вақт дар сафар ривоятҳои зиёде ворид шудааст, ки машоихи аҳноф онҳоро ба ҷамъи сурӣ ва зоҳирӣ ҳамл кардаанд ва ҳамон тавре зикр шуд, аз назари онҳо ҳар кас метавонад намозҳои пешину аср ва шому хуфтанро ҳам дар сафар ва ҳам дар ҳазар дар зарурат ҷамъи зоҳирӣ намояд. Аз ҷониби шаръ дар ин кор ҳеҷ гуна монеъе вуҷуд надорад, вале ҷамъи ҳақиқиро танҳо дар сафари ҳаҷ суннат донистаанд.

Фасли понздаҳум

НАМОЗИ ҶУМЪА

Яке аз иҷтимооти ҳафтагии мусулмонон намози ҷумъа мебошад ва намозгузорон дар рӯзи ҷумъа ба ҷои намози пешин намози ҷумъа мехонанд. Ин намози бошукӯҳ бар асоси китоби Худо фарз гардидааст, он ҷо ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِىَ لِلصَّلَوٰةِ مِن
يَوْمِ ٱلْجُمُعَةِ فَٱسْعَوْاْ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ ٱلْبَيْعَ
ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед, вақте барои намози рӯзи ҷумъа нидо (азон) дода шуд, ба сӯи зикри Худо бишитобед ва хариду фурӯшро (дар он лаҳзаҳо) фурӯ гузоред. Ин бароятон беҳтар аст, агар медониста бошед».[1]

Назди аксари аҳли илм намози ҷумъа дар аввали ҳиҷрат пас аз қудуми паёмбар (с) ба Мадина фарз гардидааст ва нахустин ҷумъае, ки расули Худо (с) бо асҳобаш барпо намуд, дар даруни водие аз қабилаи Банӣ Солим ибни Авф буда ва мардуми он қабила баъдҳо дар ҷои намози он ҳазрат (с) барои худ масҷиде бино карданд.[2] Ҳамчунин ривоят шуда, ки Асъад ибни Зурора (рз) аввалин касе аз асҳоби паёмбар (с) буда, ки дар Мадина бо мардум намози ҷумъа хондааст ва ин кор бо амри паёмбар (с) ва пеш аз ҳиҷрат сурат гирифтаст.[3] Ривоят шуда, ки Каъб ибни Молик (рз) ҳар боре азони ҷумъаро мешунид, бар Асъад ибни Зурора (рз) раҳмат мефиристод ва мегуфт: «Вай аввалин касе буд, ки бо мо дар Ҳазму-н-набит дар Ҳарраи Банӣ Баёза – номи маконе намози ҷумъа гузорид». Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки фармуд: «Аввалин ҷумъае, ки дар ислом пас аз ҷумъаи баргузоршуда дар масҷиди расули Худо (с) дар Мадина баргузор гардид, ҷумъае буда, ки дар Ҷувосо – деҳае аз деҳоти Баҳрайн баргузор гардид».[4]

Назди машоихи ҳанафӣ – имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) фарзи вақти намози ҷумъа дар асл ҳамон фарзи пешин аст, вале касе шароити баргузории намози ҷумъа барояш фароҳам омада бошанд, ба таври ҳатмӣ амр шуда, ки намози пешинро фурӯ гузорад ва ба ҷои он намози ҷумъаро барпо дорад ва касе он шароит барояш фароҳам нагардида бошанд, бар асли фарзи вақт – намози пешин боқӣ мемонад, вале ба тариқи рухсат ба адои намози ҷумъа низ хитоб шудааст, вақте онро бо вуҷуди фароҳам набудани шартҳои вуҷуб ба ҷой оварад, намозаш дуруст ва фарзи пешин аз вай соқит мегардад.

Назди ҷумҳури аимма – имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) дар мазҳаби ҷадидаш ва имом Аҳмад (рҳ) намози ҷумъа фарзи мустақил ва фарзи вақт дар рӯзи ҷумъа аст, ки бо насси қуръонӣ фарз шуда ва ба ивази фарзи пешин нест.

---

[1] Ҷумуъа, 62: 9.

[2] Қуртубӣ, ал-Ҷомеъ ли аҳкоми-л-Қуръон. – Бейрут, 2004.

[3] Сунани Абудовуд, 1069. Дар идомаи ҳадис омада, ки ровии он аз Каъб мегӯяд: «Пурсидам: Он рӯз чанд кас будед? Гуфт: Чиҳил нафар!».

[4] Сунани Абудовуд, 1069. Қабилаи Абдулқайс дар сарзамини Баҳрайн ва атрофи Қатиф то Ҳаҷар сукунат доштанд ва Ҷувосо яке аз деҳоти онҳо ва гӯянд, қалъае дар он ҷо буд. Намояндагони онҳо дар авоили соли 8-уми ҳиҷрӣ пеш аз фатҳи Макка назди расули Худо (с) омаданд ва пас аз бозгашт дар деҳаи Ҷувосо намози ҷумъаро барпо намуданд. Намози ҷумъа то он замон танҳо дар Мадина ва дар масҷиди паёмбар (с) баргузор мегардид. Ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат бо истинод ба ин ҳадис намози чумъаро бар аҳли деҳот низ воҷиб медонанд ва мисрро барои сиҳҳати он зарур намешуморанд.

Шартҳое, ки барои намози ҷумъа пешбинӣ шудаанд, ба таври умумӣ бар се навъанд: а) шартҳои вуҷуб – фарз гардидан, б) шартҳои сиҳҳат – дуруст гардидан, в) шартҳои вуҷуб ва сиҳҳат ҳар ду.

Фарқи навъҳои сегона аз якдигар дар он аст: а) он чизе ки шарти вуҷуби намози ҷумъа ба шумор меравад, дар ҳолати мавҷуд набуданаш адами тааллуқи талаб – таклиф лозим меояд, дар ҳоле ки сиҳҳати амал собит аст, яъне дар ҳолати фароҳам набудани он шарт барои шахсе намози ҷумъа бар вай шаръан воҷиб – фарз нагаштааст, вале бо ин вуҷуд агар намозро ҳамроҳи одамони дорои шароит бигузорад, намозаш саҳеҳ аст; б) он чизе ки шарти сиҳҳати намози ҷумъа ба шумор меравад, дар сурати мавҷуд набуданаш бутлони намоз лозим меояд, вале мутолаба ба он – таклиф ҳамчунон боқӣ аст, ҳаргоҳ он шарт дар канори шартҳои дигар фароҳам шавад, таклиф ба ҳоли худ боқист ва бояд намоз аз нав ба ҷой оварда шавад; в) он чизе ки шарти вуҷуб ва сиҳҳати намози ҷумъа ҳар ду ба шумор меравад, дар сурати мавҷуд набуданаш ду амр лозим меояд, яке бутлони намоз, дигаре адами тааллуқи талаб ба он, яъне ҳам вуҷуби намоз аз шахс соқит мегардад ва ҳам намози гузоридааш саҳеҳ нагаштааст – ботил аст.

ШАРТҲОИ ВУҶУБИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Ислом – мусулмон будан ва имон даштан сарнахи тамоми шартҳо барои тааллуқи таклиф ва вуҷуби аҳкоми ибодӣ аст. Бинобар ин, шахси кофир аввал ба қабули ислом ва имон овардан ба он даъват мешавад, на ба анҷоми аҳком ва пойбандӣ ба онҳо. Ақл ва булуғ аз шартҳои аҳлият барои таклиф ва вуҷуби аҳкоми ибодӣ ҳастанд. Бинобар ин, таклиф аз шахси девона – беақл ва ноқисулақл бардошта – соқит ва ноболиғ ҳанӯз ба марҳалаи синнусолии аҳлият ва ё тааллуқи таклиф нарасидааст. Ин се шарт аз шартҳои вуҷуб ба шумор мераванд ва бақияи шартҳои вуҷуб – фарз гардидани намози ҷумъа иборатанд аз:

1. зукурат – мард будан, 2. ҳуррият – озод будан, 3. тандурустӣ, 4. бино будан, 5. муқим будан.

Бинобар ин, намози ҷумъа бар шахси девона, ноболиғ, зан, ғулом, бемор, нобино ва мусофир фарз нест,[1] вале агар шахсони мазкур дар ҷамоат ҳозир ва намози ҷумъаро бо мардум бихонанд, ин намозашон дуруст ва ба ҷои фарзи пешин ҳисоб мешавад, ба истиснои шахси девона.[2]

Тамоми мазоҳиби фиқҳӣ дар бораи шартҳои вуҷуб иттифоқи назар доранд ва дар фароянди онҳо масоили фаръие марбут ба ҳар шарте аз онҳо матраҳ мешаванд, ки ба таври хулоса аз ин қароранд:

1. Манзур аз озод будан – дар қайди ғуломӣ набудан ин аст, ки мард ғуломи риқ набошад, агар чунин бошад, намози ҷумъа аз вай соқит аст, вале агар мукотаб ва ё мубааз – нимаозод бошад, намози ҷумъа бар вай воҷиб аст. Агар мавло ба ғуломи риқ иҷозати ҳузур дар намозро диҳад, намози ҷумъа бар вай низ воҷиб мегардад.

Намози ҷумъа бар шахси иҷоракор ва коргари қарордодӣ низ воҷиб аст ва шахси иҷорадеҳ ва корфармо ҳаққи манъи ӯро аз намоз надорад. Агар масҷиди ҷумъа дуртар ва рафту омад барои намози ҷумъа вақти бештареро гирад, иҷорадеҳ ва корфармо метавонад аз миқдори музди муқарраргардида ба ҳамон миқдор кам намояд.

2. Манзур аз тандурустӣ солим будани бадан аз дарду беморие аст, ки рафтан ба масҷидро барои ширкат дар намоз мушкил нагардонад. Тимордор – парастори бемор низ вақте касеро наёбад, ки чанд муддате аз вай парасторӣ кунад, ҳамин ҳукмро дорад.

3. Фиқраи бино будан тамоми аворизи вомондагӣ ва офатҳои ҷисмонии музминеро, ки ҳаракат ва гардиши одии шахсро ба гунае мушкил ва ё муаттал гардонанд, дар бар мегирад. Бинобар ин, намози ҷумъа аз нобино ва пири аз помонда соқит аст, вале агар нобино асокаши мутабарреъ ва ё бо музди муносиб пайдо кунад, назди ҷумҳури уламо, бар хилофи имом Абуҳанифа (рҳ), намози ҷумъа бар вай воҷиб аст. Ду

---

[1] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Намози ҷумъа ҳаққи воҷиб бар ҳар мусулмон аст дар ҷамоат, ба истиснои чаҳор нафар: банда, зан, кӯдак ва бемор»*** (Сунани Абудовуд, 1067).

[2] Таклиф аз шахси фоқиди ақл бардошта шудааст ва ҳеҷ амали ӯ ба унвони анҷоми амри шаръ эътибор надорад. Аммо кӯдаки ноболиғ, ки аз ҷиҳати синнусолӣ ҳанӯз аҳлияти таклиф ва анҷоми авомири шаръро пайдо накардааст, намозаш усулан дуруст мегардад, вале он фарз воқеъ мешавад ё нафл, фуқаҳо дар он ихтилоф доранд.

сурати дигаре дар ин масъала вуҷуд доранд, ки намози ҷумъа дар онҳо бар нобино воҷиб аст, яке ин ки вай бо таҳорат ва покӣ дар вақти намоз дар масҷид ҳузур дошта бошад, дигар он ки маҳорати ёфтани роҳ ва ҳаракат дар кӯчаву бозорро бе асокаш дошта бошад.

4. Манзур аз муқим будан он аст, ки дар миср – он ҷо ки намози ҷумъа барпо дошта мешавад, ба таври аслӣ ватандор ва сокин бошад ва ё бо сукунати муваққат, ки муддати он назди машоихи ҳанафӣ бештар аз 15 рӯз аст, дар он нияти иқомат карда бошад. Аммо касе дар беруни миср – дар ободиҳо, заминҳо ва деҳоти атрофи он ба сар барад ва ҷои сукунаташ ба қадре ба миср наздик бошад, ки садои азони намози ҷумъаро аз болои миъзанаҳо ва дар ҳавои муносиб бишунавад, намози ҷумъа ва ҳузур дар масҷиди миср бар вай воҷиб мебошад, вале агар дуртар аз ин бошад, бино бар назари бузургони ҳанафӣ барпо доштани намози ҷумъа аз вай соқит аст ва бояд фарзи вақт – намози пешинро бигузорад.[1]

ШАРТҲОИ СИҲҲАТИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Шарти аввал: Хутба.

Шарти аввали сиҳҳати намози ҷумъа хондани хутба пеш аз он аст. Хутба бояд пеш аз намоз ва баъд аз дохил шудани вақти он хонда шавад ва фарзи хутба ба гуфтани як таҳмид (Алҳамду лиллоҳ) ва ё (Субҳоналлоҳ) ва ё (Ло илоҳа иллаллоҳ) адо меёбад. Агар хутба нохонда – бехутба ба намоз пардозанд, он дуруст намегардад.

Тарзи хондани хутба ба ин тариқ аст, ки имом истода ва пои ба таҳорат ду хутба мехонад ва дар миёни ду хутба бояд андаке бинишинад. Ҷумҳури аимма ду хутбаро зарур ва мувозабати расули Худо (с) бар онро далели ин амр донистаанд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) рӯзи ҷумъа истода хутба мехонд, сипас менишаст, пас аз он боз (барои хутбаи дуюм) бармехест, Ибни Умар, ровии ҳадис гӯяд: Чуноне имрӯз мекунанд.[2]

Шарти дуюм: Ҷамоат.

Шарти дуюми сиҳҳати намози ҷумъа бо ҷамоат баргузор гардидани он аст ва ҳадди ақалли шумораи афроди ҷамоат се нафар ба ғайри имом аст. Бузургони шофеъӣ ва ҳанбалӣ бо истинод ба ҳадиси Каъб ибни Молик (рз) дар бораи намози ҷумъаи Асъад ибни Зурора (рз) ҳузури чиҳил нафар намозгузореро, ки ҷумъа бар онҳо воҷиб аст ва моликиён ҳузури дувоздаҳ нафар намозгузори аҳли ҷумъаро барои сиҳҳати намози ҷумъа шарт донистаанд.

Агар ҷамоате ба имом иқтидо карда, дар вақти намоз баъд аз саҷда онро тарк намоянд, имом ҷумъаро такмил намояд, вале агар пеш аз саҷда онро тарк кунанд, намози ҷумъа ботил мегардад ва имом бояд намози пешинро бихонад. Зеро ҷамоат дар намози ҷумъа назди имом Абуҳанифа (рҳ) шарти (сиҳҳати) адо аст ва адо таҳаққуқ намеёбад, магар бо фароҳам шудани тамоми рукнҳо ва шартҳо, ба монанди қиём, қироат, рукӯъ, суҷуд ва ғ. Вақте имом ва қавм намозро то саҷдаи ракъати дуюм ба ҷой оварданд, тамоми аркон ва шартҳои он ба ҷой меоянд ва он дуруст мегардад, бинобар ин, агар қавм пас аз саҷда пароканда гарданд ва имом танҳо бимонад, онро такмил менамояд, вале агар пеш аз саҷдаи ракъати дуюм пароканда гарданд, намози ҷумъаи ҳам имом ва ҳам қавм ботил мегардад ва ҳама бояд фарзи пешинро бигузоранд. Назди Соҳибайн ҷамоат дар намози ҷумъа шарти (сиҳҳати) инъиқод – барпо шудан аст ва он бо духули саҳеҳ дар намоз таҳаққуқ меёбад. Бинобар ин, агар ҷамоат – қавм пас аз инъиқоди саҳеҳ ва пеш аз саҷдаи ракъати дуюм пароканда гарданд ҳам, намози ҳама дуруст гардидааст ва имом бояд онро такмил намояд. Соҳиби «Танвиру-л-абсор» қавли Абуҳанифа (рҳ)-ро саҳеҳ гуфтааст.

Ҳузури се нафар намозгузор ба ҳангоми шуруи хутба низ назди аиммаи ҳанафӣ шарти сиҳҳати он ба шумор меравад, агар ба вақти хондани хутба камтарин ҳадди ҷамоат ҳузур надошта бошад ва намоз пас аз он барпо дошта шавад, он намоз саҳеҳ намегардад.[3]

---

[1] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 198, 200.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 920; Саҳеҳи Муслим, 1991 (861)-33.

[3] Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 1. – С. 266.

Шарти сеюм: Иҷозати умумӣ.

Шарти сеюми сиҳҳати намози ҷумъа иҷозати умумӣ ва ҳамагонӣ аст ва он ба ин тариқ сурат мегирад, ки дарвозаи масҷиди ҷомеъ ба рӯи мардуме, ки ба намози ҷумъа меоянд, кушода бошад ва барои дохил шудани онҳо монеае набошад. Бинобар ин, дар ҷое, ки барои оммаи мардум иҷозати вуруд набошад ва ё дар ҷое ба сурати пинҳонӣ гузоридани намози ҷумъа ҷоиз нест. Агар амир ва султоне ба қалъа, қаср ва ё ҳавлии худ дарояд ва дарро ба рӯи дигарон бибандад ва дар он ҷо бо атрофиёнаш намози ҷумъаро бигузорад, он дуруст намегардад. Манзур аз изни омм – иҷозати умумӣ барои намози ҷумъа он аст, ки ҷои баргузории он барои намозгузорон маъруф, дарҳояш ба ҳаногми фаро расидани вақти намоз ба рӯи ҳама боз ва касе аз аҳли ҷумъа аз даромадан ба он мамнуъ набошад.

Ин амр танҳо ба ҳоким бастагӣ надорад, балки агар ҷамоае аз аҳли маҳалла ва ё мутасаддиёни масҷиди ҷомеъе дари онро ба рӯи дигарон бибанданд ва худашон дар дохил намози ҷумъаро бигузоранд, намозашон дуруст намегардад, ба ин маъно ки дар он масҷид ва ҷое, ки барои вуруд ба он иҷозати умумӣ вуҷуд надорад, барпо намудани намози ҷумъа ҷоиз нест, вале мардум метавонанд дар масҷид ва ё ҷои дигаре, ки дарҳояш кушода ва барои ҳама иҷозати вуруд аст, намози ҷумъаашонро ба ҷой оваранд, намози ҷумъа ба сабаби набудани изни омм ба масҷиди хоссе аз онҳо соқит намегардад.

Ёдовар мешавем, ки ин шарт низ назди машоихи ҳанафӣ муътабар ва аз шартҳои иҷтиҳодӣ ба шумор меравад. Илова бар ин, дар китобҳои зоҳири ривоят дар мазҳаб наомада, балки дар китобҳои наводир ба он ишора рафтааст. Бузургони дигар мазоҳиби фиқҳӣ чунин чизеро барои сиҳҳати намози ҷумъа шарт надонистаанд.

ШАРТҲОИ ВУҶУБ ВА СИҲҲАТИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Шарти аввал: Миср – шаҳр.

Барои вуҷуб ва сиҳҳати намози ҷумъа вуҷуди миср зарурӣ ва аз шартҳои асосӣ ба шумор меравад. Фуқаҳо дар ин ки кадом маркази маскунӣ ва нуқтаи аҳолинишин миср – шаҳр, шаҳристон ва шаҳраки калон ба шумор меравад, назарҳо ва эътибороти гуногунеро иброз доштаанд, ки муътабартарини онҳо ду қавл аст. Бино бар қавли аввал, ки зоҳири мазҳаб аст, шаҳрак, шаҳристон, ҷамоати деҳот, деҳа ва маркази маскуние миср ба шумор мераванд, ки дар онҳо амир (имрӯза раиси бахши иҷрояи ҳукумат ё шуъбаи он) ва қозӣ (раиси додгоҳ) фаъолият дошта, ба даъвоҳо, шикоятҳо ва хусуматҳои мардуми он ҷой расидагӣ намоянд ва ба иқома ва иҷрои ҳудуди шаръ қодир бошанд.[1] Бино бар қавли дуюм миср ба шаҳре гуфта мешавад, ки масҷиди марказӣ ва калонтарин намозгоҳи он ғунҷоиши ҳамаи намозгузорони мукаллафи он шаҳрро надошта бошад ва фатвои аксари фуқаҳо бар ҳамин қавл аст. Пас намози ҷумъа дар намозгоҳҳои чунин шаҳр, шаҳрак, марказҳои маскунӣ, ҷамоатҳои деҳот ва деҳа барпо дошта мешавад ва хондани ҷумъа дар деҳот ва рустоҳои хурдтаре, ки на ба миср пайвастаанд ва на ба меъёрҳо ва эътибороти боло мутобиқат доранд, ҷоиз нест – намози ҷумъа бар аҳолии он ҷойҳо фарз набуда ва мукаллаф ба баргузории он нестанд, агар онро бигузоранд ҳам, намозашон дуруст намегардад, балки онҳо бояд фарзи вақт – намози пешинро ба ҷой оваранд, ҷамоати фарзи пешин барояшон дуруст ва ҳеҷ гуна кароҳияте надорад.

Барпо намудани намози ҷумъа дар финои[2] миср – шаҳри бузург низ ҷоиз аст ва финои шаҳр маконе аст, ки барои гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоӣ ва таъмини масолеҳ – ниёзҳои моддии мардуми он шаҳр пешбинӣ шудааст, ба монанди маҳалли аспдавонӣ, майдонҳои варзишӣ, поёнаи мусофирбарӣ, машқгоҳи сарбозон, тамрингоҳи чатрбозон, намозгоҳи беруни шаҳр ва ғ., гарчанде ба гӯшаҳои он пайваста набуда, балки аз он фосила дошта бошад. Гузоридани намози ҷумъа

[1] Дар баъзе матнҳои фиқҳӣ омада, ки мурод аз амир ва қозӣ амир ва қозиест, ки ба таври доимӣ муқими он шаҳрак ва маркази маскунӣ бошанд, на амир ва қозии ноҳия, ки аҳёнан барои боздид ба деҳот ва нуқтаҳои аҳолинишин меравад, вале бино бар таҳқиқи Рофеъӣ зоҳири қавли фуқаҳо ин аст, ки сукунати доимии онҳо дар мавзеъ барои вуҷуб ва сиҳҳати адои намози ҷумъа шарт дониста нашудааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 7).

[2] Фино ҷои кушода ва фазои бози пеши хона ва сарой; финои шаҳр макон ва фазои бозе, ки дар гӯша ва канораҳои шаҳр барои гузаронидани чорабиниҳои фароғатӣ, варзишӣ ва ғ. пешбинӣ шудааст.

бар сокинони ободиҳо ва деҳоте, ки дар атрофи шаҳр воқеъ ва таъминкунандаи чизе аз масолеҳи моддии мардуми шаҳранд низ, воҷиб аст, онҳо агар садои азони масоҷиди шаҳрро бишунаванд ва дар деҳа шароити дигари баргузории намози ҷумъа, ба монанди бахшҳои шаҳр, вуҷуд надошта бошанд, пас бояд ба наздиктарин масҷиди шаҳр бираванд.[1]

Ин шарт назди машоихи ҳанафӣ эътибор дорад ва аз шартҳои иҷтиҳодӣ аст, бузургони мазҳабҳои дигари аҳли суннат чунин чизеро барои баргузории намози ҷумъа шарт надонистаанд. Шофеъиён барои баргузории намози ҷумъа танҳо маҷмуабиноҳоеро шарт донистаанд, ки мардум дар онҳо сукунат дошта бошанд, чӣ деҳ бошад, чӣ шаҳр ва чӣ ҷои дигаре, ҳанбалиён инро ҳам шарт надонистаанд ва назди онҳо барпо доштани намози ҷумъа дар саҳро ва хиргаҳҳо – хаймагоҳҳо, вақте бошандагони онҳо ба камтарин ҳадди лозимаи ҷамоат бирасанд, ҷоиз аст. Моликиён барои иқомаи намози ҷумъа ҷоеро шарт донистаанд, ки барои сукунати бардавом – тобистон ва зимистон муносиб бошад, ба монанди биноҳо, кушкҳо ва ғ. аммо дар хиргаҳҳо онро ҷоиз надонистаанд.[2]

Шарти дуюм: Султон.

Шарти дигари вуҷуб ва сиҳҳати намози ҷумъа ҳузур ва ё иҷозати султон – ҳоким ва ё ҳузури ноиб ва намояндаи вай аст, ба ин маъно ки намози ҷумъа бояд тавассути ҳоким ё ноиб ва намояндаи вай ва ё касе барпо гардад, ки аз сӯи вай ба имоматии мардум ва адои намози ҷумъа амр шудааст, яъне ҳаққи барпо намудани намози ҷумъаро танҳо ҳокими шаҳр ё ноиб ва намояндаи вай дорад ва ё хатиб ва касе, ки ҳокими шаҳр ӯро барои ин кор иҷозат додааст, зеро равиши баргузории намозҳои ҷумъа дар замони расули Худо (с) ва дар даврони хулафои рошид бар ин минвол буда. Ин амр вақтест, ки дар макони баргузории намози ҷумъа султон, ноиб ва ё намояндаи вай ва ё касе ки барои ин кор амр шудааст, мавҷуд бошанд, вале агар бо сабабе касе аз онҳо дар он ҷо мавҷуд набошад, пас намозгузорон аз байни худ касеро пеш мегузаронанд, то намозро барояшон барпо дорад.[3]

Хатиби ҷумъа ва касе ки ба иқомаи он амр мешавад, дар тамоми вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва деҳоти дорои шароит бояд бо амр ва иҷозати ҳокими шаръ, ноиби вай ва ё мақоми салоҳиятдори давлатӣ таъйин шавад ва таъйини худи мардуми маҳал хатиберо аз пеши худ шаръан эътиборе надорад, магар дар ҳолати зарурат – зери по шудани ҳуқуқҳои маънавии мардум ва ё фалаҷи ҳокимият.[4] Бинобар ин, агар султон – ҳокими шаръ аҳли миср ва ё деҳотеро аз боби тааннут ва ворид намудани зиёнҳои маънавӣ бар онҳо аз баргузории намози ҷумъа боз дорад,[5] онҳо метавонанд мардеро аз байни худ пеш гузаронанд, то намози ҷумъаро барояшон бигузорад. Сарзаминҳои исломие, ки ба даст – истилои кофирон афтодаанд (манзураш шояд сарзаминҳои Шом, Ироқ ва шимоли Африқо бошад), сарзаминҳои ислом ба шумор мераванд, на билоди ҳарб, зеро ҳанӯз ҳукми куффро дар онҳо ба иҷро надаровардаанд ва қозиёну волиён – коргузорони идорӣ мусулмон ҳастанд, вале аз боби зарурат ва ё бе зарурат аз онҳо итоат мекунанд, ҳар шаҳре, ки дар он коргузоре аз тарафи худи

[1] Пайваста будани финои шаҳр ба худи шаҳр назди ҷумҳури фуқаҳои ҳанафӣ эътиборе надорад. Намози ҷумъа дар мусалло – намозгоҳ ва ё идгоҳи шаҳри Бухоро, ки дар беруни он воқеъ ва онро аз шаҳр киштзорҳо ва теппаҳо ҷудо месохт, ҷоиз буда ва ҳеҷ касе аз мутақаддимин ва мутааххирини фуқаҳо онро нодуруст нагуфта. Ҳамон гуна ки миср ва ё финои он шарти ҷавози баргузории намози ҷумъа дониста шуда, шарти ҷавози намози ид ҳам ба шумор меравад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 9).

[2] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 196.

[3] Ноиб ва ё намояндаи султон дар шаҳракҳо ва марокизи маскуние, ки намози ҷумъа дар онҳо барпо дошта мешавад, ҳамон раиси шуъбаи иҷроия ва ё раиси додгоҳи он ҷо аст.

[4] Фалаҷи ҳокимият дар шаҳр ё сарзамине вақте рӯй медиҳад, ки дар он ҷо бар асари суитафоҳуми динӣ ё сиёсие ошубҳои дохилӣ сар зада ва фитнаҳо барпо шуда бошад. Дар чунин вазъе барои он ки оммаи мардум ҳаққи бандагии худ ва фарзи илоҳиро ба ҷой оварда ва аз баркоти намози ҷумъа баҳарвар гашта бошанд, метавонанд барои худ имоме интихоб намоянд ва намози ҷумъаро барпо доранд.

[5] Дар адвори гуногуне аз таърихи ислом аз сӯи баъзе ҳокимони кишварҳои исломӣ ё бо машваратҳои муғризонаи баъзе битонати суъ – мушовирон ва вазирони бад ва ё бар асари хомии таҷрибаҳои сиёсӣ ва камии маърифати динӣ чунин иқдомоте сурат гирифта ва гоҳе ҳам баъзе салотин ва амироне бо номи шаръ ҳукумат меронданд, ки аз зулму беадолатӣ барӣ набуданд.

мусулмонон вуҷуд дошта бошад, вай метавонад намози ҷумъа, идҳо ва ҳудуди шаръро барпо дорад ва қозиёнро ба кор гирад... Агар коргузорони он сарзаминҳо кофирон ҳам бошанд, барои мусулмонон ҷоиз аст, ки намози ҷумъаро барпо доранд.[1]

Ин шарт ва назароти фиқҳӣ ба мисли шарти қаблӣ назди машоихи мазҳаби ҳанафӣ муътабар аст ва аз шартҳои иҷтиҳодӣ ба шумор меравад. Бузургони ҳанафӣ дар эътибори ин шартҳо равиши кор дар садри исломро мустанади шаръии хеш қарор дода ва таъмини комили амнияти иҷтимоӣ ва равонии намозгузоронро ба назар гирифтаанд.[2]

Бузургони мазоҳиби дигари фиқҳӣ ҳеҷ чизе мутааллиқ ба султонро, на ҳузур ва ё иҷозати вай, на ҳузури ноиб ва намояндааш ва на иҷозат ва таъйини хатиб ва ё касееро аз сӯи вай барои вуҷуб ва ё сиҳҳати намози ҷумъа шарт надонистаанд, зеро ин бандагӣ, ибодат ва фаризаи илоҳист ва онро ба ҳар шакле, ки буда, бояд анҷом дод, барои анҷоми ибодати Худо иҷозат ва ё ҳузури султон шарт ва зарур нест.

Шарти сеюм: Вақт.

Шарти сеюми вуҷуб ва сиҳҳати намози ҷумъа даромадани вақт аст ва вақти он назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва шофеъӣ вақти намози пешин аст. Қабл аз вақти пешин ҳанӯз фарзияти он собит нагаштааст ва баъд аз гузаштани вақти пешин – бо даромадани вақти намози аср намози ҷумъа фавт мегардад ва дигар қазои фарзи вақт – намози пешин ба ҷой оварда мешавад. Назди ҳанбалиён аввали вақти намози ҷумъа ибтидои вақти намози ид аст, вале пас аз завол гузоридани он афзал аст, зеро баргузории он пеш аз завол низ бо осори саҳеҳ собит шудааст.

ТАРЗИ ХОНДАНИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Рӯзи ҷумъа ду бор азон гуфта мешавад. Бо азони аввал мардум хариду фурӯш ва дигар корҳои дунявии хешро тарк карда, ба сӯи масҷид мешитобанд. Канор гузоштани хариду фурӯш ва дигар корҳои зиндагӣ пас аз гуфтани азони дуюм то баргузории намози ҷумъа ва шитофтан ба сӯи намоз бар одамони дорои шароити баргузории он назди ҷумҳури аимма фарз мебошад ва касе бар хилофи ин амри илоҳӣ амал намояд, тарки фарз кардааст ва ба азоби Худо гирифтор мегардад. Назди машоихи ҳанафӣ хариду фурӯш ва дигар корҳои дунявӣ бояд бо азони аввал тарк карда шаванд ва машғул шудан ба онҳо макрӯҳи таҳримӣ аст. Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки хариду фурӯш дар он вақт ҳаром аст ва Ато фармуда: Тамоми саноатҳо ва корҳо дар он вақт ҳаром мебошанд.[3]

Сипас, имом ба минбар баромада, рӯ ба ҷамоат қарор мегирад ва он гоҳ азони дуюм гуфта мешавад. Баъд аз он имом шурӯъ ба хутба карда, ду хутба эрод менамояд ва дар миёни он ду андаке менишинад. Ҳар гоҳ хутбаи дуюмро ба поён расонид, ду ракъати намози ҷумъаро бо ҷамоат ба ҷо меоварад.

АҲКОМИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Макрӯҳ аст, ки рӯзи ҷумъа шахсони маъзур (ғуломон, беморон, нобиноён ва мусофирон) ва зиндониён намози пешинро дар шаҳри бузург бо ҷамоат адо намоянд. Инчунин макрӯҳ аст, ки дар ин рӯз одами ғайри маъзур – дорои шароити баргузории намози ҷумъа, намози пешинро дар хонааш пеш аз ҷумъа бихонад. Агар баъд аз адои он (бо кароҳият) дар хонааш ба сӯи намози ҷумъа бишитобад, дар ҳоле ки имом ҳанӯз машғули хондани намози ҷумъа бошад, намози пешини ӯ ба муҷарради берун шудан аз хонааш, ботил мегардад, ҳарчанд ба намози ҷумъа нарасад.

Ҳар гоҳ намозгузор ба ҷамоати намози ҷумъа ҳангоми ташаҳҳуд ва ё саҷдаи саҳв ҳам, ки расад, бояд намози ҷумъаро ният карда, намозашро такмил намояд.

Ҳар гоҳ имом ба минбар баромада, машғули хондани хутба шавад, намозгузорон бояд рӯ ба рӯи имом бинишинанд ва воҷиб аст ба хутбаҳо гӯш диҳанд. Шунавандагон ҳангоми хондани хутбаҳо аз сухан гуфтан ва намоз хондан то охири хутбаҳо бипарҳезанд, зеро сухан гуфтан ва

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 16.

[2] Муроди машоихи ҳанафӣ аз назароти фиқҳӣ, иштироти шартҳои иҷтиҳодӣ дар мавзӯи намози ҷумъа ва эътибороте, ки барои миср баён доштаанд, ба он ҷой ва сарзамине нозир аст, ки дар онҳо аҳкоми шаръ ҳукмфармо ва султони шаръ ҳоким аст.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, таълиқи ҳадиси 907, 908.

намоз хондан дар он вақт ҳаром аст.

Суннат аст, ки имом дар хутбаҳо нукоти зеринро барои мардум зикр намояд:

1. Ҳамд ва санои илоҳиро ба ҷо оварад.

2. Бар паёмбари ислом (с) дуруду салом бифиристад.

3. Мардумро ба тарси Худо ва парҳез аз гуноҳон тавсия намояд.

Ҳамчунин, сазовор аст дар хутбаҳо ин матолибро ҳам бигӯяд:

1. Он чи мусулмонон дар зиндагӣ ва охират ба он ниёз доранд.

2. Мардумро ба он чи дар ҷаҳон мегузарад ва ба суду зиёни мусулмонон аст, огоҳ кунад.

3. Аз масоили сиёсӣ ва иқтисодӣ, он чӣ ба истиқлол ва озодии онҳо дахл дорад ва аз чигунагии муносибатҳои онҳо бо дигар миллатҳо сухан гӯяд.

4. Мусулмононро аз дахолати давлатҳои ситамгару истеъморгар дар умури сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ба баҳракашӣ ва истисмори онон хотима меёбад, огоҳ кунад.

ПОРАЕ АЗ ФАЗОИЛИ РӮЗИ ҶУМЪА

Паёмбари акрам (с) фамудааст, ки ***«Беҳтарин рӯзе, ки офтоб дар он тулӯъ намудааст, рӯзи ҷумъа мебошад. Дар ҳамин рӯз Одам офарида шуда, дар ҳамин рӯз дохили биҳишт гардонида шуда ва дар ҳамин рӯз аз биҳишт берун оварда шудааст. Рӯзи қиёмат низ дар ҳамин рӯз воқеъ мешавад»***.[1]

Имом Аҳмади Ҳанбал мефармояд: «Мартаба ва дараҷаи шаби ҷумъа аз баъзе ҷанбаҳо аз шаби қадр беҳтар аст, зеро дар ҳамин шаб паёмовари барҳаққи илоҳӣ – ҳазрати Муҳаммад (с) дар батни модар ҷилваафрӯз шуда ва ин иноятӣ Ҳақ боиси ин ҳама хайру баракат гардидааст, ки онҳоро ҳадду ҳисобе нест».

Паёмбари акрам (с) фармудааст, ки ***«Дар рӯзи ҷумъа соате ва лаҳзаҳое мавҷуд аст, ки ҳар дуо ва хоҳиши бандаи муъмин аз даргоҳи Ҳақ дар он иҷобат ва бароварда мегардад»***.[2] Аммо ин соат ва лаҳзаҳои гуворо муайян нагардида, то шахси мусулмон ва бандаи муъмин тамоми лаҳзаҳо ва соатҳои ин рӯзро дар ҳолати таваҷҷуҳи ба Худо ба сар бибарад.

ОДОБИ РӮЗИ ҶУМЪА

Аз он ҷо, ки рӯзи ҷумъа рӯзи озодӣ ва истироҳати ҳафтагии мусулмонон аст, дар он рӯз беҳтар аст бандаи муъмин ба фикри корҳое бошад, ки ба покизагию истироҳати баданӣ ва зебоиву латофати рӯҳӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла: 1. Ғусл намудан ва мӯи сар ва ғайраро тарошидан. 2. Беҳтарин либосҳои худро пӯшидан. 3. Атру хушбӯй задан. 4. Нохун гирифтан. 5. Ба зиёрати хешону дӯстон рафтан. 6. Дар аввали вақти намоз ба масҷиди ҷомеъ рафтан ва ғайра.

ФАЗИЛАТҲОИ НАМОЗИ ҶУМЪА

1. Намози ҷумъа фарзи айн (қатъӣ) аст, ки дар Қуръони маҷид, ҳадисҳои мутавотир ва иттифоқи назари тамоми уммати ислом собит шудааст. Он яке аз бузургтарин маросимҳои исломӣ ба шумор меравад. Мункири (инкоркунанда) он кофир ва беузр тарккунандаи он фосиқ мебошад. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِىَ لِلصَّلَوٰةِ مِن
يَوْمِ ٱلْجُمُعَةِ فَٱسْعَوْاْ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ ٱلْبَيْعَ
ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед (муъминон), чун дар рӯзи ҷумъа барои намоз азон дода шавад, ба сӯи зикри Худо бишитобед ва хариду фурӯшро раҳо созед. Ин барои шумо беҳтар аст, агар бидонед».[3]

2. Паёмбари акрам (с) фармуда: ***«Ҳар кас рӯзи ҷумъа ғусл намуда, пас аз истеъмоли хушбӯию атр ба сӯи масҷиди ҷомеъ биравад ва бе ин ки қадам бар сари касе ниҳад (ва касеро озор***

[1] Саҳеҳи Муслим, 1974 (854)-18; Сунани Абудовуд, 1046; Сунани Тирмизӣ, 488, 491. Дар охири яке аз ин ривоятҳо омадааст: ***«Дар он рӯз соате вуҷуд дорад, ки агар намоз ва хостаи бандаи муъмин аз Худо ба он мувофиқ ояд, ҳатман, онро барояш ато мекунад»***. Ин бахши ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ» низ бо шумораи 935 ва дар «Саҳеҳи Муслим» бо шумораи 1966, (852)-13, 14, 15 зикр шудааст.

[2] Сунани Тирмизӣ, 490; Сунани Ибни Моҷа, 1137, 1138.

[3] Сураи Ҷумуъа, 62: 9.

диҳад), вориди масҷид гашта, ба андозаи ҳоли худ намози нафл бигузорад ва вақте имом барои хондани хутба болои минбар рафт, бо рияи хомӯшӣ ба хутбаҳо гӯши ҷон бисупорад, аз ҷумъаи гузашта то ҷумъаи ҳозир тамоми гуноҳонаш омурзида шаванд».[1]

3. Паёмбари акрам (с) дар бораи шахсоне, ки намози ҷумъаро тарк мекунанд, мефармояд: ***«Мардумоне, ки намози ҷумъаро тарк мекунанд, бояд аз ин корашон даст кашанд, вагарна Худованд бар дилҳои онҳо мӯҳри (ғафлат) мезанад ва бо ҳамин дар ҷумлаи ғофилон қарор мегиранд»***.[2]

Низ мефармояд: ***«Касе се ҷумъаро аз рӯи бетаваҷҷуҳӣ ва саҳлангорӣ тарк намояд, Худованд бар дилаш мӯҳр мезанад»***.[3]

ХУТБА ХОНДАН

Назди ҷумҳури фақеҳон суннат аст, ки барои адои хутба дар масҷид минбаре вуҷуд дошта бошад ва хутба аз болои он хонда шавад. Дар ривоятҳои саҳеҳ собит шудааст, ки расули Худо (с) соли ҳафтум ва ё ҳаштуми пас аз ҳиҷрат барои худ минбаре гирифт. Аз Саҳл ибни Саъди Соъидӣ ривоят шуда, ки паёмбар (с) ба зани ансорие кас фиристод, ки: ***«Ғуломи наҷҷори хешро бифармо, бароям чӯбҳое бисозад, то вақте бо мардум сухан мегӯям, бар онҳо бинишинам»***.[4]

1. Суннат аст, ки вақте мардум барои намоз гирди ҳам омаданд ва вақти намоз фаро расид, имом бар минбар бинишинад ва муаззин рӯ ба рӯи имом истода, азон диҳад. Баъд аз азон имом бархоста, ба хутба шурӯъ намояд.

Назди аиммаи шофеъӣ ва ҳанбалӣ пас аз баромадан ба минбар ва рӯй овардан ба намозгузорон салом додани имом ба онҳо мустаҳаб аст, вале назди машоихи ҳанафӣ маснун нест.

Назди баъзе машоихи ҳанафӣ ба даст асо гирифтани хатиб ба ҳангоми хутба суннат аст, зеро ривоят шуда, ки ***«...Расули Худо (с) дар хутба ба асо ва ё камон (қавс)-е такя кард...»***.[5]

2. Дар хутба ин чизҳо суннат аст: 1) истода хондани хутба, 2) ду хутба хондан, 3) дар миёни ду хутба ба андозаи се бор тасбеҳ гуфтан нишастан, 4) дар вақти хондани хутба ба мардум рӯй овардани имом, 5) пеш аз шурӯи хутба оҳиста «Аъузубиллоҳ» гуфтан, 6) хондани хутба ба тавре ки мардум садои имомро бишнаванд, 7) дар хутба мафоҳими зеринро баён кардан: **а)** Ҳамди Худо, **б)** додани шиноҳтҳое дар бораи Худованд ва баёни ягонагии Ӯ, **в)** дуруд фиристодан ба паёмовари илоҳӣ ва баёни воқеияти рисолат (маъмурият)-и ҳазрати Муҳаммад – фиристодаи Худо (с), **г)** панду андарзҳои лозим, **д)** тиловати оятҳое аз Қуръони карим, **ж)** дар хутбаи дуюм барои мусулмонон дуо намудан, 8) дароз накардани хутба, 9) бар минбар хондани хутба ва агар минбар набошад, бар чизи дигаре такя зада хондани он, 10) ҳар ду хутбаро то ҷои дуруд фиристодан ба арабӣ хондан ва бақияро ба забони мардуми намозгузор баён кардан, 11) рӯй ба қибла нишастани намозгузорон.

3. Вақте имом барои хондани хутба бархест, дигар намоз хондан ва ё бо ҳам суҳбат кардан макрӯҳ аст ва чун ба хутба шурӯъ намуд, ба хутбаҳо гӯш супоридани намозгузорон воҷиб мебошад ва ҳар гуна машғулияти дигаре ноҷоиз аст.[6]

4. Вақте хутба шурӯъ шуд ва касе суннат мехонад, агар суннати муаккада бошад, онро тамом намояд ва агар муаккада набошад, ду ракъат хонда, салом диҳад.

5. Хутбаро аз рӯи навишта хондан ҷоиз аст.

6. Дар вақти ёди номи паёмбар (с) намозгузорон бо дили худ ба ӯ дуруд бифиристанд, ҷоиз аст.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 883, 910; Муснади имом Аҳмад, 21029; Сунани Ибни Моҷа, 1097.

[2] Саҳеҳи Муслим, (865)-40; Сунани Насоӣ, 1369.

[3] Сунани Абудовуд, 1052; Сунани Тирмизӣ, 500; Сунани Насоӣ, 1367, 1368; Сунани Ибни Моҷа, 1125.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 917, 2094, 2569.

[5] Сунани Абудовуд, 1096.

[6] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте дар рӯзи ҷумъа дар асноне, ки имом хутба мехонад, ба ҳамроҳат бигӯӣ хомӯш бош ва гӯш кун, дар ҳақиқат, беҳуда гуфтаӣ»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 934; Саҳеҳи Муслим, 1962 (851)-11, 1963; Сунани Тирмизӣ, 1512).

Яъне дар он лаҳзаҳои гуворо ва фазои маънавӣ бояд шахси мусулмон болотарин тамаркузи фикрӣ ва таваҷҷуҳи ботинии худро ба шунидани суханони имом равона созад ва ҳатто ба ҳамроҳи худ чунин муроҷиат намудан беҳудагӣ ва лағв ба шумор меравад.

ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ НАМОЗИ ҶУМЪА

1. Ҳар касе, ки хутбаро хонд, беҳтар аст ҳамон кас намозро бо мардум бигузорад. Агар шахси дигаре намозро баргузор намояд, ҷоиз аст.

2. Пас аз тамом шудани хутба фавран бояд намозро шурӯъ намоянд. Дар миёни хутба ва намоз анҷом додани корҳои дунявӣ макрӯҳ аст ва корҳои динӣ боке надорад.

3. Беҳтар аст, ки намози ҷумъа дар як шаҳр як ҷо хонда шавад, ҳарчанд баргузории он дар чандин ҷои шаҳр боке надорад.

4. Агар касе дар қаъдаи ахир ё баъд аз саҷдаи саҳв ба намози ҷумъа бипайвандад, ҷамоатро дарёфтааст, намозашро пас аз салом додани имом тамом намояд.

5. Баъзе одамон пас аз намози ҷумъа фарзи пешини эҳтиётӣ мехонанд, ки дар китобҳои усули мазҳаб дар ин бора чизе наомада ва он ба он асле, ки дар китобҳои зоҳири ривоят дар бораи намози ҷумъа муқаррар гардида, мухолиф мебошад. Дар ин китобҳо бо сароҳат гуфта шудааст, ки агар баъзе шартҳои вуҷуби намози ҷумъа барои касе фароҳам нагардида ва вай бо ин ҳол намози ҷумъаро ҳамроҳи дигарон ба ҷой оварад, намозаш дуруст мешавад ва намози пешин аз вай соқит мегардад. Мас., зан, бемор, мусофир ва дигар одамоне, ки намози ҷумъа бар онҳо воҷиб нест, агар намози ҷумъаро ҳамроҳи дигарон ба ҷой ованд, намозашон дуруст мешавад ва намози пешин аз онҳо соқит мегардад.

Дар ҳеҷ китоби зоҳири ривоят ба ин одамон амр нашудааст, ки шартҳои вуҷуби намози ҷумъа дар шумо фароҳам набуданд, бинобар ин, фарзи пешинро низ аз боби эҳтиёт бигузоред.

Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) агар шахсе дар хонааш намози пешинро хонда, пас аз он ба сӯи ҷумъа ҳаракат кунад, намози пешинаш дарҳол бекор мегардад, яъне ба нафл табдил меёбад. Зеро дар он рӯз дар вақти пешин барои одамони дорои шароит то баргузор ва ё фавт гардидани намози ҷумъа фарзи дигаре вуҷуд надорад.

Илова бар ин, банда набояд дар дуруст гардидани ибодати худ шакке дошта бошад, ки агар ҷумъа шуд, хуб ва илло пешинро ҳам ба ҷой овардам. Зеро Худо ҳамон дуо ва ибодатеро мепазирад, ки соҳибаш дар он шакке надошта бошад. Агар шартҳои вуҷуби намози ҷумъа барои касе фароҳам нагардида бошанд, пас беҳтар аст бо камоли яқин ҳамон намози пешинашро бигузорад.

Бо ин вуҷуд вақте шарти аввали вуҷуб ва сиҳҳати адои намози ҷумъа – вуҷуди миср (шаҳри калон) ва ё шарте барои сиҳҳати адои он, ки назди фуқаҳо бо номи ҷавоз ва ё адами ҷавози таадуди намозҳои ҷумъа дар як шаҳр маъруф аст, барои шахсе фароҳам нагашта бошад, соҳибони баъзе шарҳҳо ва фатовои фиқҳӣ барои вай ба ҷавози фарзи эҳтиётии пешин ва дар баъзе ҳолот ба надб – истеҳбоб ва дар ҳолоти дигаре ба вуҷуби он назар додаанд.[1]

6. Назди баъзе машоих агар ҷумъа ва ид бо ҳам дар рӯзи ҷумъа ҷамъ оянд, барои онҳое, ки шитоб ва ё коре доранд, иштирок дар яке аз онҳо кифоя аст ва барои ширкат дар дигараш ихтиёр доранд, вале имом бояд ҳар дуро баргузор намояд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Имрӯз бароятон ду ид ҷамъ омадааст, касе хоста бошад, (намози) ид ӯро аз ҷумъа басанда бошад ва мо ҷумъаро барпо медорем!»***.[2] Аммо назди ҷумҳури аиммаи мазҳаб ҳар ду бояд ба ҷо оварда шаванд, чуноне соҳиби Ҳидояи шариф ба нақл аз Ҷомеъу-с-сағир мефармояд: Ду ид дар як рӯз бо ҳам ҷамъ омаданд, аввалӣ суннат ва дуввумӣ фарз аст ва ҳеҷ кадоми онҳо тарк карда намешавад.[3] Зеро расули Худо (с) ба гузоридани ҳар ду мувозабат фармудааст.

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 18–21.

Алиқорӣ дар китоби «Фатҳу бобилъиноя» дар рафти баёни шартҳои сиҳҳати адои ҷумъа пас аз зикри шарти миср ва пеш аз шарти султон овардааст: Вақте (барои касе) дар сиҳҳати адои намози ҷумъа аз ҷиҳати фароҳам набудани баъзе шартҳои он шак воқеъ шавад, сазовор аст, ки пас аз он эҳтиётан чаҳор ракъат бигузорад ва пешини он рӯз ё охирин пешинеро, ки бар ӯст, ният кунад ва ин беҳтар аст, гарчи дар Ҳарамайн бошад. Зеро агар намози ҷумъааш ҷоиз нагашта бошад, пас он чаҳор ракъат намози пешине бошад, ки бар зиммаш аст, агар ҷумъааш дуруст гашта бошад, пас он ба ҷои охирин пешине бошад, ки бар зиммааш мондааст, вагарна, нафл воқеъ шавад. Бинобар ин, саҳеҳтар он аст, ки дар ҳар чаҳор ракъати он пас аз сураи Фотиҳа замми сура намояд (Нуруддин, Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Ҳиравӣ ал-маъруф би Алиқорӣ. Фатҳу бобилъиноят би шарҳи-н-Нуқоя. – Ҷ. 1. – С. 404. – Бейрут: Дору-л-Арқам, 1997).

[2] Сунани Абудовуд, 1073.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 140; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 50, 51.

АЗОНИ НАМОЗИ ҶУМЪА

Дар ривоятҳои диние, ки дар онҳо таърихи машрӯият ва раванди дигаргуниҳои ҳодис бар азони намози ҷумъа бозгӯ шудааст, омада, ки азони рӯзи ҷумъа дар замони паёмбар (с) ва Абубакру Умар (рз) вақте гуфта мешуд, ки имом бар минбар менишаст. Чун дар замони Усмон (рз) аҳолии Мадина бисёр шуд, азони дигареро бар он афзуд, ки бар Завро – макони муртафеъ ва ё хонае наздик ба бозори Мадина гуфта мешуд ва кори азон бар ин равиш собит ва он дар байни мусулмонон роиҷ гардид.[1]

Азони намозҳои панҷвақта маъмулан дар беруни масҷид бар макони муртафеъе ва аксаран аз болои боми хонаи ансорие дар канори масҷид барои эълони духули вақти намоз ва каме пештар аз баргузории он гуфта мешуд ва мардум бо шунидани он барои адои намоз ба масҷид меомаданд. Азони намози ҷумъа бошад, тибқи аҳодис ва осори ривоятшуда дар ин боб дар даруни масҷид дар рӯ ба рӯи имом вақте бар минбар менишаст[2] ва дар ривояте бар дари масҷид аз берун ва дар рӯ ба рӯи имом гуфта мешуд,[3] то ҳам эълон ба духули вақт буда ва ҳам мардуми гирдомадаро ба ҳузури имом ва шурӯъи хутба мутаваҷҷеҳ намояд ва ҳамин ки азон ба поён мерасид, бе ҳеҷ гуна таваққуфе имом ба хутба мепардохт. Ҳарчанд садои азон аз дару панҷараҳои масҷид ба гирду атроф мерасид, вале чун дар даврони хилофати Усмон (с) мардум зиёд ва шаҳр тавсиа ёфта буд ва азон ҳам аз дарун ва ё аз пеши дари масҷид гуфта мешуд, ҳама садои онро намешуниданд.

Аз сӯи дигар, Худованд дар ояти 9-уми сураи Ҷумуъа фармуда: **«...ва чун барои намози рӯзи ҷумуъа нидо дода шуд, ба сӯи зикри Худо биштобед ва хариду фурӯшро тарк намоед...»** ва ин мақсуди қуръонӣ вақте садои азон аз сӯи ҳама шунида нашавад, ба хубӣ анҷом намеёбад. Халифаи сеюм Усмон (рз) бо назардошти ин заруратҳо азони аввалро дар рӯзи ҷумъа афзуд, ки аз баландие муширф бар бозори шаҳри Мадина бо номи Завро гуфта мешуд.

АЗОНИ ҶАВҚ (ГУРӮҲӢ, БО ҲАМХОНӢ)

Ҷавқ ва ё ҷӯқ[4] вожаи арабишуда аз асли туркӣ ба маънои даста, ҷамоат ва гурӯҳ аст ва манзур аз азони ҷавқ азон гуфтани дастае аз муаззинон бо як садо ва ё пайи ҳам дар як масҷид ва дар як вақт намоз аст. Азони ҷавқ дар сарзамини Ҳиҷоз, Шом ва баъзе манотиқи дигар то чанде қабл роиҷ буда ва соҳиби Радд ба нақл аз Суютӣ овардааст, ки аввалин касе, ки азони дунафара бо як садоро ба вуҷуд овард, банӣ Умайя буданд. Ба назар мерасад дар масҷиди набавӣ дар Мадинаи мунаввара дар адвори гуногуни таърих то аҳди наздик дар замони ҳокимияти Оли Суъуд азони ҷавқ вуҷуд дошта ва пас аз роҳандозии ислоҳоти динӣ дар он кишвар ва корбурди баландгӯ (микрофон) ба азони ягона ва муаззини воҳид табдил дода шудааст. Кумитаи доимамалкунандаи пажӯҳишҳои илмӣ ва ифто муташаккил аз ҳайати кибори уламои мамлакати Суъудӣ дар нишасти давраи даҳуми худ, ки дар моҳи рабиъулаввали соли 1397 ҳ. дар шаҳри Риёз баргузор гардид, ба баррасии мавзӯи азони ҷавқ ва назари мактабҳои фиқҳӣ ва аҳли ҳадис дар бораи он пардохта, дар китоби Буҳуси илмӣ (Ҷ. 4. – С. 5-32) фаслеро бо номи Тавҳиди азон дар масҷиди набавӣ дар Мадина ба ин мавзӯъ бахшидааст.[5]

---

[1] Ишора ба аҳодисе аст, ки дар ин бора дар Саҳеҳи Бухорӣ (912-916) ва дигар матнҳои ҳадисӣ ривоят шудаанд.

[2] Дар Авну-л-маъбуд ривоятҳои далолаткунанда бар гуфта шудани азон дар даруни масҷид дар рӯ ба рӯи имомро дар замони паёмбари акрам (с) бо истинод ба таҳқиқи Ибни Абдулбар дар Тамҳид ниҳоят заъиф гуфта, ривояти бар дари масҷид аз берун гуфта шудани азонро дар рӯзи ҷумъа саҳеҳ донистааст (Муҳаммад Шамсулҳаққи Азимободӣ, Авну-л-маъбуд, шарҳу Сунани Абудовуд. – Ҷ. 3. – С. 429-439; Муҳаммадашраф ибни Амири Азимободӣ, Авну-л-маъбуд ъало Сунани Абидовуд. – Ҷ. 1. – С. 532-536).

[3] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Сунани Абудовуд (1088) дар ин бора ривоят шудааст.

[4] Азони гурӯҳӣ ва чанднафара собиқаи таърихӣ ва аз замони хулафои рошид Умар (рз) ва Усмон (рз) вуҷуд дошта, вале номи ҷавқ барои он пас аз зуҳури хилофати туркони усмонӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ба ин ном танҳо дар матнҳои фиқҳӣ, фатово ва ё мақолаҳое ба чашм мехӯрад, ки пас аз ин давра навишта шудаанд.

[5] Нусхаи электронии китоби «Буҳуси илмӣ» дар мактабаи шомила. Ҳайати кибори уламо пас аз муҳокимаи мавзӯъ дар қарори № 54 чунин натиҷа: Бо вуҷуди ҷавози тааддуди муаззинон дар вақти зарурат чун дар замони расули Худо (с) ва аҳди хулафои рошид вуҷуди ҷуз як муаззин ба субут нарасида ва низ корбурди баландгӯ ниёз ба тааддуди азонгӯёнро бартараф месозад, тавҳиди азон ва муаззини ягонаро дар масҷиди набавӣ ба тасвиб расонд.

Натиҷаи баҳси чанд тане аз онҳо хулосатан чунин

Ҷумҳури аимма ва мактабҳои чаҳоргонаи фиқҳӣ азони ҷавкро вақте ба он ниёз пайдо шавад – шаҳр бузург ва намозгузорон зиёд бошанд, барои нашри беҳтари садои азон ба атрофи шаҳр ва расидани садои он ба мардум ҷоиз ва хуб гуфтаанд. Соҳиби Ҳидояи шариф онро амри мутаворис – маъмул ва маврусӣ аз замони Усмон (рз) ба ин сӯ гуфта ва афзуда, ки дар замони расули Худо (с) танҳо ҳамин як азон буда.[1]

Азони ҷавкро агар вақт бештар буда бошад, муаззинон пайи ҳам ва дар манораҳои гуногун ва ё дар атрофи масҷид мегӯянд ва ин беҳтар аст, вале агар фурсат танг ва хавфи фавти фазилати аввали вақт пеш омада бошад, онро якҷоя ва бо як садо мегӯянд, ба сурате ки садои онҳо аз ҳам мутафовит набошад ва шунавандагонро мушавваш насозад, ки он кароҳият дорад. Имрӯз корбурди баландгӯ (микрофон) ҷои онро пур ва мардумро аз он бениёз месозад.

Баъзе аҳли илм, ба монанди соҳибони Авну-л-маъбуд ба сабаби адами вуҷуди он дар замони расули Худо (с) ва ба сиҳҳат нарасидани ривоятҳои собитшуда (назди онҳо) дар ин бора аз садри аввал онро нодуруст ва бидъат донистаанд.

буда: Маънои азон эълони духули вақти намоз аст ва ин манзур аз он вақте ба қадри ҳоҷат анҷом гирад ва як муаззин ҳам онро бигӯяд, ҳосил мешавад, вале барои азон гуфтани чанд муаззин дар як вақт низ манъ ва наҳйе аз сӯи шаръ ворид нашудааст. Балки баръакс, дар ривоятҳои собитшуда бо сароҳат омадааст, ки дар замони халифаи сеюм Усмон (рз) ва ҳамчунин халифаи дуюм Умар (рз) рӯзҳои ҷумъа чанд муаззин пайи ҳам азон мегуфтаанд. Дар Саҳеҳи Бухорӣ дар ҳадиси дарозе дар боби рақми ҳубло (6830) омадааст: ***«… Пас Умар бар минбар нишаст ва чун муаззинон хомӯш шуданд, бархост ва Худоро ба ончи шоистаи Ӯст, сано гуфт, пас аз он фармуд…»***.

Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ аз Ибни Ҳабиб оварда, ки фармуд: «Вақте паёмбар (с) бар минбар менишаст, муаззинҳо азон мегуфтанд ва се нафар буданд, ки яке пас аз дигаре азон медод. Вақте муаззини сеюм фориғ мешуд, мехест ва хутба мехонд». Ибни Ҳаҷар нахуст онро рад карда ва даъвои бе далел гуфтааст ва афзуда, ки ин амр бо сароҳат ва аз тариқи муттасил собит нашудааст. Он гоҳ гуфта: Баъдтар онро дар Мухтасари Бувайтӣ аз Шофеъӣ низ пайдо кардам (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 3. – С. 187).

Нававӣ дар шарҳи Муслим оварда, ки Усмон (рз) чаҳор муаззин барои рӯзҳои ҷумъа дошта ва дар Муваттаи имом Молик ба ривояти Яҳёи Лайсӣ (247), Абумисъаби Зуҳрӣ (439, 440), Қаънабӣ ва имом Муҳаммад (227, 228) аз Саълаба ибни Молики Қуразӣ бо санади саҳеҳ омадааст: ***«Мардум дар замони Умар ибни Хаттоб рӯзи ҷумъа то вақте Умар хориҷ мешуд ва бар минбар менишаст ва муаззинҳо азон мегуфтанд, намоз мегузориданд. Саълаба гӯяд: Нишаста сухан мекардем, вақте муаззинҳо хомӯш мешуданд ва Умар ба хутба мепардохт, хомӯш гашта ба он гӯш медодем»*** (Муваттаи имом Молик бо ҳафт ривоят. – Ҷ. 1. – С. 446. – Дубай, 2003).

Аз маҷмӯи ривоятҳо бармеояд, ки азони чанднафара ё азони ҷавқ дар замони Усмон (рз) дар вақти азони дуюм буда ва азони аввал бар Завро пеш аз он гуфта мешудааст.

[1]Ҳидояи шариф. – Ҷ. 1. – С. 383, 384.

Фасли шонздаҳум

НАМОЗИ ИДАЙН

Дар ду иди Рамазон (Фитр) ва Қурбон (Азҳо) хондани намози махсуси ид бар онҳое, ки намози ҷумъа бар эшон воҷиб аст, воҷиб мебошад.

Таърихи аввали моҳи шавволро иди Фитр ва таърихи даҳуми моҳи зулҳиҷҷаро иди Азҳо (Қурбон) меноманд. Ин ду рӯз дар ислом рӯзи иду хушӣ аст ва ба унвони шукрона ду ракъат намоз дар ин ду рӯз воҷиб мебошад.

Тамоми он шарту шароите, ки барои сиҳҳат (дурустӣ) ва вуҷуби намози ҷумъа баён гардид, барои намози идайн низ зарурӣ мебошанд. Ғайр аз хутба, ки дар намози ҷумъа хондани он фарз ва шарт аст ва пеш аз намоз хонда мешавад, вале дар намози идайн хутба шарт нест, балки суннат аст ва баъд аз намоз хонда мешавад. Аммо гӯш кардани ин хутба мисли хутбаи ҷумъа воҷиб аст ва корҳои хилофи он ҷоиз нест.

ВАҚТИ НАМОЗИ ИДАЙН

Вақти намози идайн аз баланд шудани офтоб аст, яъне он ҳангоме ки хондани намоз ҷоиз мешавад, то заволи офтоб.

СУННАТҲО ВА МУСТАҲАББОТИ ИДАЙН

Дар рӯзҳои ид мисвок ва ғусл кардан, хушбӯй истеъмол намудан ва беҳтарин либосҳоро пӯшидан суннат аст.

Дар иди Фитр пеш аз рафтан ба намозгоҳ бо чизе даҳон ширин намудан[1] ва закоти фитр (садақаи фитр)-ро ҳам пардохтан мустаҳаб аст.[2] Вале дар иди Қурбон хӯрданро то адои намоз ба таъхир гузоштан лозим аст ва агар қурбонӣ дошта бошанд, аз он бихӯранд.[3]

ТАРЗИ АДОИ НАМОЗИ ИДАЙН

Тамоми шароите, ки барпо намудани намози ҷумъа ба онҳо бастагӣ дошт, барои баргузории намози идайн ҳам лозим мебошанд, ба ғайр аз хутба, ки он дар намози идайн суннат буда ва баъд аз адои ду ракъат намоз хонда мешавад.

Намози иди Фитр ва Қурбон ду ракъат аст ва тарзи адои он ба ин тариқ аст, ки аввал имом такбири таҳрима «Аллоҳу акбар» гуфта, ба намоз сар мекунад. Аввал чун дигар намозҳо сано мехонад ва баъд аз он се бор бо садои баланд такбир – **«Аллоҳу акбар»** гуфта, дар ҳар такбир дастҳояшро мебардорад. Пас аз он «Аъузу биллоҳ» ва «Бисмиллоҳ»-ро паст ва баъд сураи *«Фотиҳа»*-ро ҳамроҳ бо сураи дигаре баланд мехонад. Сипас ба рукӯъ ва суҷуд рафта, ракъати аввали намозро ба ҷо меовард.

Он гоҳ барои ракъати дуюм бармехезад ва бо садои паст *«Бисмиллоҳ»* гуфта, сураи *«Фотиҳа»* ва сураи дигареро бо садои баланд мехонад. Пас аз он се бор бо садои баланд такбир мегӯяд ва дар ҳар такбир дастҳои худро мебардорад. Ҳоло дигар такбиргӯён ба рукӯъ ва пас аз он ба суҷуд рафта, монанди дигар намозҳо ракъати дуюмашро ҳам анҷом медиҳад.

Хондани ду хутба барои намозгузорон баъд

---

[1] Аз Анас (рз) ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) дар рӯзи иди Фитр то чанд хурмое намехӯрд, (ба намоз) хориҷ намешуд»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 953; Сунани Ибни Моҷа, 1754).

[2] Ибни Аббос (рз) мефармояд: *«Расули Худо (с) закот (садақа)-и Фитрро барои покии шахси рӯзадор аз беҳудагӣ ва дигар ҳарзакориҳо ва барои ғизои бенавоён фарз (воҷиб) гардонидааст. Касе онро пеш аз намоз (-и ид) адо намояд, он закоти пазируфташуда аст ва касе онро баъд аз намоз адо намояд, он садақае аз садақот мебошад»* (Сунани Абудовуд, 1609; Сунани Ибни Моҷа, 1827).

[3] Дар ривояти дигар омадааст: *«Расули Худо (с) дар рӯзи иди Фитр то намехӯрд, (ба намоз) хориҷ намешуд ва дар рӯзи иди Наҳр (Қурбон) то (аз намоз) барнамегашт, намехӯрд»* (Сунани Тирмизӣ, 542; Сунани Ибни Моҷа, 1756).

аз анҷоми намоз суннат аст ва имом дар он бояд аҳкоми идайнро барои мардум баён созад. Мас., дар иди Фитр масоили садақаи Фитрро ва дар иди Қурбон масоили қурбонӣ ва такбироти ташриқро баён намояд.

Ва ҳамчунин сазовор аст матолиберо, ки дар хутбаи ҷумъа барои мардум мегӯяд, дар хутбаҳои намози идайн низ бигӯяд.

АҲКОМИ НАМОЗИ ИДАЙН

Ҳар гоҳ узре пеш ояд ва натавонанд дар рӯзи ид намози иди Фитрро ба ҷо оваранд, фардои он рӯз онро адо менамоянд ва агар дар рӯзи дуюм ҳам узре ба миён омада, монеъ аз баргузории намози ид гардад, дигар наметавонанд онро дар рӯзи сеюм адо намоянд.

Аммо намози иди Қурбонро метавонанд то рӯзи сеюм адо намоянд, хоҳ узре пеш омада бошад, хоҳ не, аммо таъхири он бе узр кароҳият дорад.

Ҳар гоҳ намози идайн қазо шавад, дигар онро қазо хонда намешавад, зеро намози идайн қазо надорад.

Намози идайн азону қомат надорад, балки мустаҳаб аст онро ба ин тариқ эълон намоянд: *«Ассалоту ҷомиъатун»*.

Ҳангоми рафтан ба намозгоҳ мустаҳаб аст дар роҳ бо садои баланд такбири ташриқ гӯянд.

ОДОБУ СУННАТҲОИ ИД

Рӯзҳои ид рӯзҳои покизагиву озодагӣ, шодмониву фароғат ва анҷоми амалҳои башардӯстона мебошанд. Бинобар ин, шахси мусулмон дар он рӯз бояд баландтарин одоби муошират ва меъёрҳои ахлоқи шаръиро риоя намояд.

1. Дар рӯзи ид корҳои зерин суннат мебошанд: 1. Ғусл намудан, 2. мисвок кардан, 3. беҳтарин либосҳои худро пӯшидан, 4. атру хушбӯй задан, 5. субҳ барвақт аз хоб бархестан, 6. ба идгоҳ зуд рафтан, 7. пеш аз рафтан ба идгоҳ садақаи Фитрро пардохтан, 8. пеш аз рафтан ба идгоҳ дар иди Фитр чизе хӯрдан, 9. дар иди Қурбон то баргузории намоз чизе нахӯрдан, 10. намози идро дар идгоҳ хондан, 11. аз роҳе ба намозгоҳ рафта ва аз роҳи дигаре баргаштан,[1] 12. пиёда ба намозгоҳ рафтан, 13. дар роҳ рӯзи иди Фитр такбирро оҳиста гуфтан, 14. дар рӯзи иди Қубон такбирро баланд гуфтан.

2. Дар идгоҳ гузоридани намози дигаре пеш ё баъд аз намози ид макрӯҳ аст.

3. Барои касоне, ки намози ид бар онҳо воҷиб нест, низ пеш аз баргузор шудани намози ид хондани намози нафл макрӯҳ аст.

4. Намози идро дар чандин масҷиди шаҳр баргузор намудан ҷоиз аст.

5. Касе, ки ба ҷамоат нарасад, наметавонад намози идро танҳо бигузорад. Ҳамчунин, агар намози намозгузоре аз аҳли ҷамоат фосид гардад, наметавонад онро қазо ба ҷой оварад, зеро намози ид қазо надорад, аммо агар чанд нафари дигаре пайдо шаванд, метавонанд бо ҳам ҷамоати дигаре барпо намоянд ва намози идро бо ҳам бигузоранд.

6. Шахсе пас аз фориғ шудани имом аз такбироти ракъати якум ба ҷамоат пайваст, агар имом дар ҳоли қиём аст, баъд аз ният кардан фавран такбиротро бигӯяд, агарчи имом машғули қироат бошад. Агар имомро дар рукӯъ дарёбад, дар сурате ки гумони ғолибаш ин бошад, ки баъд аз гуфтани такбирот метавонад дар рукӯъ ба имом бирасад, такбиротро фавран баъд аз ният бигӯяд ва ба рукӯъ равад.

Вале агар ғолиби гумонаш ин бошад, ки дар сурати гуфтани такбирот наметавонад дар рукӯъ ба имом бирасад, ният карда, ба рукӯъ равад ва дар рукӯъ ба ҷои тасбеҳоти рукӯъ, такбиротро бигӯяд. Агар пеш аз тамом кардани такбирот имом аз рукӯъ баланд шавад, ӯ низ ҳамроҳи имом баланд шавад ва бақияи такбирот аз вай муъоф (соқит) аст.

7. Агар касе пас аз хондани як ракъат ба ҷамоат пайваст, дар вақти ба ҷой овардани ин ракъат аввал қироат намояд ва баъд такбироти идро бигӯяд.

8. Агар имом гуфтани такбиротро фаромӯш кунад ва ба рукӯъ равад, дар рукӯъ такбиротро бигӯяд ва ба қиём барнагардад. Агар баргашт ва такбиротро гуфт, низ намоз ҷоиз мешавад ва дар ҳар ду сурат, аз сабаби издиҳом сақдаи саҳв воҷиб намешавад.

[1] Аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) дар рӯзи ид роҳи (рафту) баргашташиро (аз намоз) иваз мекард»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 986; Сунани Тирмизӣ, 541).

АҲАММИЯТИ НАМОЗИ ИД

Дар фарҳанги исломӣ баргузории намози ид аҳаммияти баланди тарбиявӣ ва ҷойгоҳи хосси иҷтимоӣ дорад ва он аз боазаматтарин шаоири фарҳангӣ-ибодатии дини мубини ислом ба шумор меравад. Бинобар ин, расули Худо (с) барои баргузории намозҳои ид ҳамеша фазои кушод ва макони васеъеро ғайр аз масҷид дар дохил ва ё гӯшаи шаҳр интихоб мекард ва тамоми мардум – хурду бузург ва марду занро ба тамошо ва ҳузур дар он даъват мекард. Он мавзееро, ки намози ид дар он дар дохил ва ё гӯшаи шаҳр баргузор мешуд, мусалло (намозгоҳ) мегуфтанд. Паёмбари акрам (с) намозҳои идро дар макони кушодае, ки дар назди гӯристони Бақеъ воқеъ буд ва ё дар мусаллои шаҳри Мадина, ки дар назди ҳавлии Касир ибни Салт воқеъ буд, баргузор мекард.[1]

Ин дар ҳолате буд, ки барояшон узре пеш намеомад, зеро ҳамчунин ривоят шудааст, ки *«(Боре) дар замони Расули Худо (с) дар рӯзи ид ба мардум борон (-и сахт)-е расид, ки намози идро бо онҳо дар масҷид баргузор намуд»*.[2]

Фақеҳони киром аз маҷмӯи ривоятҳо ва осоре, ки дар ин бора собит шудаанд, ба ин натиҷаи фиқҳӣ расидаанд, ки агар мардум имкони хуруҷ ба берун ва ё гӯшаи шаҳр ба намозгоҳи умумиро дошта бошанд, пас беҳтар аст, ки намозҳои идро дар он ҷо (намозгоҳ) баргузор намоянд, вале дар сурати пеш омадани узре, ба монанди борони сахт ва ё мушкилоти дигаре, ба монанди тавсеаи шаҳрҳо, издиҳоми сайри ҳаракати мошинҳо ва ғайра, ки баромади мардумро ба беруни шаҳр ба гунае мушкил намуда, метавонанд намозро дар масҷидҳои шаҳр баргузор намоянд.

Аз Уммиатия (рз) ривоят шудааст, ки ***«дар рӯзҳои ид ба хуруҷ ба сӯи намозгоҳ амр мешудем ва ҳатто духтарони бикрро аз зери чодар ва занони дар ҳоли ҳайзро ҳамроҳи худ ба он ҷо мебурдем, то баракат ва покии он рӯзро дарёбанд. Онҳо дар пушти мардуми намозгузор (берун аз доираи баргузории намоз) меистоданд ва ҳамроҳи онҳо такбир мегуфтанд ва дуо мекарданд»***.[3] Аз Уммиатия (рз) боз ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Ҷавонзанҳо ва духтарони чадарнишин ва занони дар ҳоли ҳайз низ ба намозгоҳ бароянд ва занони дар ҳайз аз доираи баргузории намоз берун истанд ва хайр ва дуои муъминонро дарёбанд…»***.[4]

Расули Худо (с) бо ҳузури занон дар намозгоҳ ва шунидани хутбаҳои умумӣ иктифо намекард, балки барои баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ ва панду андарзи онҳо пас аз поёни хутба ба назди онҳо меомад ва барояшон суханронии махсусе эрод мекард. Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ривоят шудааст, ки ***«Паёмбар (с) рӯзи иди Фитр бархост ва намоз (-и ид)-ро гузорид ва пас аз он хутба хонд. Вақте фориғ шуд, фуруд омад ва ба назди занон рафт ва онҳоро панд дод…»***.[5]

Шоёни зикр аст, ки ин ду ид ба ҷои тамоми идҳо, ҷашнҳо, ёдбораҳо ва муносибатҳои фароғатие, ки мардум дар даврони ҷоҳилият доштанд, аз сӯи Худованд ба мусулмонон эҳдо гардидаанд. Ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) вақте ба Мадина омад, мардуми он ҷо ду рӯзи хушию бозӣ ва иду шодмонӣ доштанд. Пурсид:* ***Инҳо чӣ рӯзеанд?*** *Гуфтанд: Дар замони ҷоҳилият дар ин ду рӯз бозию хушӣ мекардем. Расули Худо (с) фармуд:* ***Худованд онҳоро барои шумо ба ду рӯзи беҳтаре – рӯзи (иди) Азҳо ва рӯзи (иди) Фитр – табдил намуд»***.[6]

---

[1] Аз Баро ибни Озиб (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) рӯзи иди Қурбон ба сӯи гӯристони Бақеъ баромад ва ду ракъат намози идро (дар он ҷо) барпо дошт, он гоҳ ба мардум рӯй овард ва фармуд…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 976).

Дар ривояти дигаре аз Ибни Аббос (рз) омадааст, ки ***«Паёмбар (с) ба назди нишонае, ки дар назди ҳавлии Касир ибни Салт буд, омад ва намози идро дар он ҷо барпо намуд…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 977).

Ҳавлии Касир ибни Салт дар тарафи қиблаи намозгоҳ воқеъ буда, ба водии Батҳон сар мекашид, ки дар миёнаи шаҳри Мадина ҷойгир шуда буд. (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 2. – С. 449). Ибни Қаййими Ҷавзӣ мегӯяд: Расули Худо (с) намозҳои идро дар мусалло, ки дар дарвозаи шарқии шаҳри Мадина воқеъ буд, мегузорид. (Зоду-л-маод. – Ҷ. 1. – С. 425).

[2] Сунани Абудовуд, 1160. Сунани Ибни Моҷа, 1313.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 971. Саҳеҳи Муслим, 2052 (890)-11.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 324, 980, 981. Саҳеҳи Муслим, 2051 (890)-10, 12.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 958, 961, 978. Саҳеҳи Муслим, 2044 (885)-3.

Аз Ибни Аббос (рз) низ ҳадисе ба ин маъно ривоят шудааст.

[6] Сунани Абудовуд, 1134. Сунани Насоӣ, 1557.

ТАКБИРОТИ ТАШРИҚ

Такбири ташриқ пас аз намози фарзи бомдоди рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа – рӯзи арафа шурӯъ ва баъд аз намози асри рӯзи сездаҳум ба поён мерасад. Як бор гуфтани такбири ташриқ бар ҳар намозгузор пас аз ҳар намози фарзӣ фавран воҷиб аст, зан бошад ё мард, бо ҷамоат намоз бихонад ё танҳо.

Пас аз намози фарз фавран такбир гуфта мешавад. Мардон такбирро баланд (ҷаҳр) ва занон паст (оҳиста) мегӯянд. Пас аз намози ид низ гуфтани такбир воҷиб аст. Такбири ташриқ муддати панҷ рӯз ё пас аз бисту се вақт намоз гуфта мешавад.

اَللهُ أَكْبَرُ، اَللهُ أَكْبَرُ، لَا إِلٰهَ إِلَّا اللهُ وَاللهُ أَكْبَرُ،
اَللهُ أَكْبَرُ وَلِلّٰهِ الْحَمْدُ.

«Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа илла-л-лоҳу валлоҳу акбар, Аллоҳу акбару ва лиллоҳи-л-ҳамд».

Ҳар гоҳ имом такбироти ташриқро фаромӯш кунад, муқтадӣ бояд такбир гӯяд. Такбири ташриқ зикр ва замзамаи ёди Худо дар рӯзи шодмонист, ки бандагон онро ба бузургдошти Парвардигорашон бо садои баланд вирди идонаи худ мегардонанд ва ба таври бошукӯҳе шукри неъматҳои Ӯро ба ҷой меоваранд. Гуфтани такбири ташриқ пас аз намозҳои фарзӣ воҷиб буда бошад ҳам, вале он вирди идонаи мусулмонҳост, ки замзамаи он сари ҳар қадам ва дар ҳар нишасту бархост хуб ва шаръан писандида аст.

Такбири ташриқ ба айёми иди Азҳо (Қурбон) – рӯзи арафа ва айёми ташриқ тааллуқи хоссе дорад. Қуръони карим мефармояд: **«Ва Худоро дар рӯзҳои башуморе ёд намоед!»**[1] ва назди ҷумҳури муфассирон мурод аз рӯзҳои башумор дар он айёми ташриқ – рӯзи ид ва се рӯзи баъд аз он аст. Дар тамоми нусус ва ривоёте, ки дар онҳо ба зикр ва ёди Худо тавсия шуда, ба тазарруъ ва хуфя (паст, оҳиста) будани он иршод ва амр шудааст, магар дар мавридҳои хоссе, ки айёми ташриқ яке аз онҳост. Бинобар ин, бо итгифоқи назари уламои мазҳаб ҷаҳр (бо садои баланд) гуфтани такбири ташриқ дар рӯзи арафа ва айёми ташриқ мустаҳаб (суннат) аст.

Дар бораи гуфтани такбири ташриқ дар рӯзи иди Фитр (Рамазон) миёни фуқаҳои мазҳаб ихтилофи назарҳое вуҷуд дорад, вале аз он ҷо ки зикр ва ёди Худо дар тамоми авқот, ба ҷуз чанд ҳолат ва вақти хоссе, ҷоиз аст ва аз сӯи шаръ ҳеҷ мамнӯияте дар бораи он ворид нашуда, рӯзи иди Фитр низ гуфтани он мустаҳаб аст, вале бояд ба таври хуфя (паст) гуфта шавад.[2]

[1] Бақара, 2: 203.
[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 57–58.

Фасли ҳабдаҳум

НАМОЗИ КУСУФ

Ҳангоми гирифта шудани офтоб (кусуф) гузоридани ду ракъат намоз суннат ва дар вақти гирифта шудани моҳтоб (хусуф) бар асоси назароти машоихи мазҳаби ҳанафӣ мустаҳаб аст. Расули Худо (с) дар ин бора мефармояд: ***«Офтоб ва моҳ ду нишонае аз нишонаҳои (илм ва қудрати) Худованд ҳастанд ва ҳаргиз онҳо барои марг ва зиндагии касе гирифта намешаванд. Пас ҳар гоҳ онро дидед, намоз бихонед»***. Дар ривояти дигар омадааст: ***«Пас вақте онро дидед, дуо намоед, такбир бигӯед, намоз бигузоред ва садақа намоед»***.[1]

Паёмбари акрам (с) намози кусуф (ба ривояти шайхайн – Бухорӣ, 1044, 1046, 1047 ва Муслим, 2086 (901) ва хусуфро ба ривояти Ибни Ҳиббон гузоридааст.[2] Намози кусуф бо ҷамоат гузорида мешавад. Ҳангоми гирифтани офтоб имоми ҷумъа ва идайн бо мардум ба монанди намози нафл хуфя (паст) ду ракъат намоз мехонад.[3] Он азон ва иқомат надорад, ба изни ом, вуҷуди султон ва шартҳои дигаре, ки дар намози ҷумъа зикр шудаанд, низ ниёз надорад ва дар ҳар ду ракъати он сураҳои дароз қироат мешавад.

Вақти он бар асоси фармудаи ҳадисҳои боб аз шуруи кусуф то равшан гаштан – кушода шудани қурси офтоб аст. Пас аз намоз агар кусуф ҳанӯз идома дошта бошад, мардум то рӯшан гардидани офтоб дуо мекунанд. Агар имоми ҷумъа дар намози кусуф ҳозир нашавад, мардум то рӯшан шудани офтоб танҳо-танҳо намоз мехонанд. Он барои зану мард ва муқиму мусофир ба таври яксон суннат аст. Ҳамин ки кусуф ба поён расад – офтоб рӯшан шавад ва ё бо он ҳол ғуруб кунад, вақти намози кусуф тамом – фавт мешавад ва намози хусуф ҳам чунин аст.

Намози хусуф (ҳангоми гирифта шудани моҳтоб) низ монанди намози кусуф аст, танҳо ин ки намози хусуф бо ҷамоат адо намешавад, балки ба сурати танҳогузор хонда мешавад. Зеро дар ин мавридҳо муҳим он аст, ки мусулмонон бо зикру намоз ва дуо ба ин нишона ва падидаи Худованд таваҷҷуҳ кунанд.

Назди ҷумҳури аҳли суннат – имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) барои намози кусуф ва хусуф хутба вуҷуд надорад, аммо имом метавонад пас аз адои намоз ба ду ракъат ё ба ду ракъат ва ду хутба ба ҷамоат ё ба танҳо ҳар ду ҳолат ихтиёр дорад.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1042, 1043, 1044, 1046, 1047, 1058, 1212, 3203; Саҳеҳи Муслим, 2086 (901)-1; Сунани Насоӣ, 1473.

[2] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 252, 253.

[3] Намози кусуф дар назди тамоми фақеҳони аҳли суннат ду ракъат аст, вале дар чигунагии он ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Аз назари машоихи ҳанафӣ он ба монанди дигар намозҳои нафл ду ракъат ва бо ду қиём гузорида мешавад. Зеро дар ривояти саҳеҳе аз Абубакра омадааст: ***«… Пас ду ракъат намоз ба мисли намози яке аз шумо намоз гузорид»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1040; Сунани Насоӣ, 1492; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 257). Дар назди ҷумҳури аимма – имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ), ҳарчанд назари машоихи ҳанафӣ низ ҷоиз аст, вале бо истинод ба аҳодиси саҳеҳи дигаре, ки дар ин бора ривоят шуда, ҳар ду ракъати он бо ду қиём, ду қироат, ду рукӯъ ва ду саҷда ба ҷой оварда мешаванд, ба ин тариқ ки дар ҳар ракъат пас аз қиём ва қироат ба рукӯъ меравад ва пас аз рукӯъ дубора ба қиём баргашта қироат мекунад, пас аз итмоми қироат боз ба рукӯъ меравад ва пас аз рост шудан ба саҷда меравад ва дар ракъати дуюм ҳам ҳамин чизро такрор мекунад.

Назди ҷумҳури аимма – имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва имом Шофеъӣ (рҳ) намози кусуф хуфя хонда мешавад, зеро аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Паёмбар (с) намози кусуфро гузорид (ва) садое (аз қироаташро) нашунидем»*** (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 257). Дар назди имом Аҳмад (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) онро ҷаҳр мехонанд, зеро дар ривояте омадааст ки ***«Паёмбар (с) дар намози хусуф қироаташро ҷаҳр (баланд) хонд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1065). Аммо дар намози хусуфи моҳ аз назари ҷумҳури аимма ҷаҳр ҷоиз аст.

моз мардумро ба тақво, покӣ, парҳезгорӣ ва ғайра тавсия намояд. Зеро расули Худо (с) дар аҳодиси зиёде, ки аз эшон дар ин боб ривоят шудаанд, ба хондани хутбае амр накарда, вале пас аз баргузории намоз моҳияти ин падидаи илоҳиро барои мардум баён кардааст.[1]

Дар назди бузургони мазҳаби ҳанафӣ, зоҳири мазҳаби ҳанбалӣ ва ба ривояте аз имом Молик (рҳ) агар кусуф дар вақтҳои наҳйшуда – вақти баромадан, нисфирӯзӣ ва фурӯ рафтани офтоб ба вуқуъ ояд, намоз гузорида намешавад ва ба ҷои он мардум такбиру таҳлил ва зикру истиғфор мегӯянд. Вале аз назари бузургони шофеъӣ, ба ривояте аз имом Молик (рҳ) ва ба ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) он дар тамоми вақтҳо ба монанди намози истисқо, ду ракъат намози шукри вузӯ ва таҳияи масҷид гузорида мешавад.

Расули Худо (с) ҳамон тавре дар ҳадис дидем, дар ҳолати кусуф ва хусуф ба додани садақа, дуо ва истиғфор низ тавсия намудааст.

НАМОЗИ ИСТИСҚО

Истисқо дар луғат ба маънои об хостан ва дар истилоҳи шаръ ба маънои талаби борон аст; ҳангоми омадани хушксолӣ ва ё ниёзмандӣ ба об шодобӣ ва сарсабзии табиатро аз боргоҳи Худованд хостан аст.

Дар корбурдҳои луғавӣ ва фиқҳӣ вожаи истимтор (اِسْتِمْطَار) низ ба маънои истисқо ва боронхоҳӣ ба кор рафтааст.

Истисқо ва ё талаби борон дар фарҳанги башарӣ таърихи деринае дорад. Ақвом ва милали пешин тибқи бардоштҳои эътиқодӣ ва гароишҳои динии худ маросими боронхоҳиро ба гунаҳои мухталифе баргузор мекарданд. Пайравони паёмбарони пешин бар асоси таълимоти адёни илоҳӣ аз Худо талаби борон ва шодобии сарзаминҳоро мекарданд ва ақвоми дигар низ онро аз худоёни пиндорӣ ва нерӯҳое, ки ба ақидаи онҳо барои инсон саргаҳи файз буданд, бо тобиши хоссе ба ҳар қавм баргузор мекарданд. Қуръони карим намунаи аслии истисқоро дар таълимоти паёмбарони пешин аз забони Нӯҳ (а) бозгӯ мекунад, он ҷо ки мефармояд: **«(Ба онҳо) гуфтам: Аз Парвардигоратон истиғфор намоед, ки Ӯ ниҳоят омурзгор (ғаффор) аст, осмон (борон)-ро пуррезиш бар шумо мефиристад ва шуморо бо амволу фарзандон мадад мерасонад ва бароятон боғҳо ва наҳрҳои об фароҳам меоварад»**.[2]

Истисқо дар фарҳанги исломӣ низ бо равиш ва вижагиҳои хоссе баргузор мегардад, ба ин тариқ, ки ҳар гоҳ мусулмонон ба борон ва серобӣ ниёз пайдо кунанд, рӯ ба қибла истода, ба даргоҳи илоҳӣ дуо ва истиғфор (талаби омурзиши гуноҳон) мекунанд ва фурӯтанона аз Ӯ резиши борон ва серобиро дархост менамоянд.

Намози талаби борон назди имом Абуҳанифа (рҳ) маснун аст, вале на ба таври муаккад,[3] яъне дар дараҷаи истиҳбоб қарор дорад. Зеро паёмбар (с) агар гоҳе пас аз баргузории ду ракъат намоз борон, шодобии сарзаминҳо ва эҳёи табиати зиндаро аз Худо талаб мекард, гоҳе ҳам ба дуо аз болои минбари худ, ба хусус дар рӯзҳои ҷумъа иктифо менамуд. Вақти он ҳамон вақти намози ид – пас аз баромадани офтоб то вақти завол аст.

Ривоят шуда, ки марде рӯзи ҷумъа аз даре, ки дар муқобили минбар буд, дохили масҷид шуд ва расули Худо (с) истода хутба мехонд, дар рӯ ба рӯи расули Худо (с) истод ва гуфт: *«Эй расули Худо (с), чаҳорпоён ҳалок ва роҳҳо пора шуданд, Худоро дуо кун, то барои мо боронеро бифиристад! Расули Худо (с) дастонашро бардошт ва фармуд:* ***Худоё, моро сероб соз! Худоё, моро сероб соз! Худоё, моро сероб соз!*** *ва дар ривояте:* ***Худоё, бароямон борон бифирист! Худоё, бароямон борон бифирист! Худоё, бароямон борон бифирист!***

(Ровии ҳадис) Анас мегӯяд: Ба Худо, дар осмон на пораабре ва на чизе дида намешуд ва дар байни мо то Салъ на хона ва на ҳавлие буд, (ки онро аз мо пӯшида дорад). Аз пушти он абрпорае ба мисли сипар намудор шуд ва чун ба миёнаи осмон омад, паҳн гардид ва борон борид. (Ровӣ) гӯяд: Ба Худо, шаш рӯз офтобро

[1] Назди имом Шофеъӣ (рз) пас аз адои намоз ду хутба мехонад, зеро дар чанд ҳадиси боб бо сароҳат зикр шуда, ки паёмбар (с) хутба хонд.

[2] Сураи Нӯҳ, 71: 10-12.

[3] Талаби борон дар ҳолати қаҳт ва хушксолӣ назди имом Муҳаммад (рҳ) ва ҷумҳури аимма – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ, хоҳ бо дуову истиғфор бошад, хоҳ бо намоз, суннати муаккада аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 3. – С. 304).

надидем. Он гоҳ аз ҳамон дар (-и масҷид) рӯзи ҷумъаи оянда марде дохил шуд ва расули Худо (с) истода хутба мехонд, дар рӯ ба рӯи ӯ истод ва гуфт: *Эй расули Худо (с), молҳо ҳалок ва роҳҳо пора гардиданд, Худоро дуо кун, то онро боздорад*. Гӯяд: Расули Худо (с) дастонашро бардошт ва фармуд: ***Худоё, перомуни мо, на бар мо, Худоё, бар бешаҳо, кӯҳҳо, теппаҳо, баландиҳо, батни водиҳо ва дарахтзорҳо!*** Гӯяд: Пас борон бозистод ва берун, ки шудем, дар офтоб мерафтем. Дар ривояти дигар омада: Аброо дидам, ки ба росту чап пароканда гашт, дар ҳоле ки бар мардуми дигар борон меборид ва бар аҳли Мадина намеборид».[1]

Метавонанд ба ҷои дуо ва истиғфор ду ракъат намоз ба ҷо оваранд ва тарзи адои намози истисқо ба ин шакл аст, ки имом ҳамроҳ бо мардум хоксорона ва сарафканда пиёда ба саҳро ё замини ҳамвор баромада, ду ракъат намоз, монанди ду ракъати намози идайн мехонанд. Аммо дар намози истисқо такбироти зиёде, ба монанди такбироти намози ид, вуҷуд надорад ва баъд аз намоз имом рӯ ба мардум гардонида, ду хутба мехонад.[2] Сипас ҳама рӯ ба сӯи қибла оварда, ба дуо ва истиғфор мепардозанд.

Ривоят шуда, ки паёмбар (с) барои истисқо ба намозгоҳ баромад, пас рӯй ба қибла оварда ба дуо пардохт ва ридоашро чаппа кард, сипас ду ракъат намоз гузорид, ки дар онҳо қироатро ҷаҳр кард.[3]

Мустаҳаб аст, ки хабари баргузории намози талаби борон чанд рӯз пештар ба василаи имом ва раиси қавм дар миёни мардум эълон шавад. Абудовуд дар ҳадиси дарозе аз Оиша (рз) ривоят мекунад, ки фармуд: ***«Мардум аз қаҳтсолӣ ва бебороно ба расули Худо (с) шикоят карданд, фармуд, то дар намозгоҳ барояш минбаре гузошта шавад ва барои мардум рӯзеро ваъда кард, ки дар он хориҷ шаванд...».***[4]

Имом дар хутбае, ки пас аз ду ракъат намози талаби борон эрод менамояд, пас аз ҳамду сано бар Худованд ва дуруду салом бар паёмбари акрам (с) мардумро ба тавба, талаби омурзиш аз Худованд, баргардонидани мазолими мардум, рӯза, садақа ва дигар аъмоли нек фаро хонад.

Анҷом додани ин корҳо пеш аз намози талаби борон хуб аст. Зеро фазои иҷтимоии гуноҳолуд, зулму ситам, тарки бандагии Худо ва ғай-

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 932, 933, 1013, 1014, 1015; Саҳеҳи Муслим, 2075-76 (897)-8-9.

Аҳодиси талаби борон кардани паёмбар (с) дар рӯзи ҷумъа умдатан аз Анас (рз) ривоят шудаанд, ки тафосил ва ҷузъиёти истисқои он ҳазрат (с) дар баъзе онҳо мухтасар ва дар порае аз ривоятҳо муфассал баён гардидаанд. Фақеҳони киром аз маҷмӯи онҳо аҳкоми зайлро истинбот кардаанд: 1. Талаби дуои борон, рафъи офат ва дафъи бало кардани мардум аз имом ва хатиб, ҳамон гуна ки дар дигар вақтҳо ҷоиз аст, дар аснои хутбаи ҷумъа низ ҷоиз аст, 2. имом ва хатиб метавонанд дар аснои хутба ва онро қатъ накарда барои рафъи ниёзи мардум дуо намоянд, 3. вақте дар масҷид ва дар болои минбар бошад, аз ҳамон ҷо дуо кардан ҷоиз аст, 4. Рӯй ба мардум ва пушт ба қибла дуо кардани вай дар чунин ҳолат низ ҷоиз аст, 5. ҳамон гуна ки барои талаби борон дуо кардан суннат аст, барои бозистодани он ва ҳамин тавр рафъи офатҳо ва балоҳои дигар низ ҷоиз аст, 6. даст бардоштан ба дуо ҳам дар истисқо ва ҳам дар рафъи офатҳо суннат аст.

[2] Назди имом Абуҳанифа (рҳ) пас аз намози истисқо хондани хутба шарт нест, балки мустаҳаб аст ва дуову истиғфор низ дар он кофӣ аст. Зеро он чи аз расули Худо (с) дар ин боб собит шуда, ҳамон дуову истиғфор аст, ки вақте бо ҳамду санои Худованд ва бо дуруду салом бар паёмбар (с) оғоз шаванд, ба онҳо хутба гуфта мешавад.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1024-25; Саҳеҳи Муслим, 2070 (894)-4.

Дар аҳодиси феълие, ки равиши истисқои расули Худо (с)-ро бозгӯ мекунанд, тақдим ва таъхир вуҷуд дорад. Дар баъзе аз онҳо аввал дуову истиғфор, хондани хутба, он гоҳ чаппа кардани ридо, пас аз он намоз зикр шуда ва дар баъзе дигар аввал намоз, пас аз он дуову истиғфор ва хондани хутба ва дар аснои хутба чаппа кардани ридо омадааст. Аз Абуҳурайра (рз) бо санади саҳеҳ ривоят шуда, ки фармуд: ***«Рӯзе расули Худо (с) барои истисқо – талаби борон баромад, пас бо мо ду ракъат намоз гузорид, он гоҳ бароямон хутбае хонд ва Худоро дуо кард ва рӯяшро дар ҳоле ки дастонашро бардошта буд, ба сӯи қибла гардонд, пас аз он ридоашро чаппа кард – ростаашро бар чап ва чапашро бар рост гардонд»*** (Сунани Ибни Моҷа, 1268).

Аиммаи мазҳаби ҳанафӣ амал ба гурӯҳи дуюми аҳодисро тарҷеҳ додаанд, вале амал ба аҳодиси гурӯҳи аввалро низ ҷоиз медонанд. Дар Оламгирӣ омадааст: Имом бо қавм ду ракъат намоз мегузорад ва қироатро дар онҳо ҷаҳр мекунад ва пас аз намоз ду хутба мехонад (ва ин назди имом Муҳаммад аст), он гоҳ рӯй ба мардум меоварад, дар ҳоле ки бар замин рост истодааст, на бар минбар ва байни ду хутбаро бо нишаст (-и андаке) аз ҳам ҷудо месозад ва агар хоҳад як хутба мехонад (ва ин назди имом Абуюсуф аст), пас аз он Худоро дуо ва тасбеҳ мегӯяд ва барои муъминон талаби мағфират менамояд ва чун садр (аввал)-и хутба гузашт, ридоашро чаппа мекунад (Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 4, бахши ҳаштум. – С. 74, 75).

[4] Сунани Абудовуд, 1173.

ра заминасози пешомадҳои нохуш, хушксолӣ, обхезию тӯфон, заволи неъмат ва паридани баракат аз зиндагӣ ва дигар фалокатҳо мегарданд. Сазои аъмоли бади одамон вақте муқаррароти дини Ӯро зери по мениҳанд, ба сурати пешомадҳои нохуше дар табиат зоҳир мешавад.[1]

Аммо он чизе, ки имрӯз баъзе мардум дар чунин ҳолат бо номи «оши пеши мазор» ва ғайра анҷом медиҳанд, аз назари шариат ҷоиз нест ва бар хилофи суннати расули акрам (с) мебошад.

Шарт нест имом дар вақти хутба ҷелак ва ридои худро чаппа бикунад (бипӯшад).[2] Мардум метавонанд намози истисқоро ба сурати танҳогузор низ ба ҷой оваранд, ҷамоат дар он хуб аст, вале шарт нест.

Аз равиши амалии расули Худо (с) шаш навъ боронхоҳии он ҳазрат (с) ба субут расидааст: 1. Ба намозгоҳ баромада барои талаби борон намоз ва хутба хондааст, 2. рӯзи ҷумъа аз болои минбар дар аснои хутбаи намози ҷумъа барои нузули борон даст бардошта дуо кардааст, 3. аз болои минбар дар рӯзи дагаре ғайр аз ҷумъа барои талаби борон дуо кардааст, 4. дар масҷид нишаста ва барои нузули борон даст ба дуо бардошта, 5. назди Аҳҷору-з-зайт – номи маконе дар наздикиҳои Завро барои талаби борон дуо кардааст ва 6. дар баъзе ғазваҳояш вақте мушрикон ба об аз ӯ пешӣ гирифтанд, аз Худованд талаби борон кардааст ва дар тамоми дуоҳояш Худованд боронро барояш фурӯ фиристодааст.

Дар дуои истисқо пушти дастонашро ба тарафи осмон ва каффи онҳоро ба сӯи замин мегардонад. Ривоят шуда, ки паёмбар (с) талаби борон кард ва пушти дастонаш ба сӯи осмон ва каффи онҳоро ба сӯи замин гардонд.[3] Дар ривоятҳои суннат омадааст, ки он ҳазрат (с) дар дуои истисқо дастонашро ба андозае баланд мебардошт, ки ба сараш баробар мешуданд ва сафедии зери бағалҳояш намудор мешуд.[4]

Гарчанде расули Худо (с) барои талаби борон як навбат баромада ва аз саҳобаи киром низ ба ҷуз як мартаба хуруҷ барои дуо ва намози истисқо собит нашуда, вале ҷумҳури мазоҳиб бо истинод ба ин ки такрори дуо хуб аст ва камтарин ҳадди он се бор аст, вақте дар навбати аввал борон наборад, се бор пайи ҳам такрори онро дар се рӯз хуб – мустаҳаб гуфтаанд.

Ҳамчунин хуб аст, ки дар ин амр пиронсолон, нотавонон, кӯдакон ва ҳатто чаҳорпоёни худро ба ҳамроҳ ва ё пешопеши худ ба намозгоҳ баранд ва онҳоро дар пешгоҳи Худо барои

---

[1] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Дар миёни ҳар қавм ва мардуме амали рибо ва зино ривоҷ пайдо кунад, онҳо азоби Худоро ба сари худ фуруд овардаанд»*** (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4410. – Ҷ. 10. – С. 258; Муснади имом Аҳмад, 3799. – Ҷ. 1. – С. 663; Муснади Абуяъло, 4981. – Ҷ. 8. – С. 396; Мустадраки Ҳоким, 2261. – Ҷ. 2. – С. 43; Шуъабу-л-имон, 5531. – Ҷ. 4. – С. 397).

Оё аз азоби иқтисодие, ки имрӯз дар натиҷаи муомилоти рибавии бонкҳо ва қарзҳои бо протсент ба сари мардуми бенаво ва камбизоати дунё омадааст, чизи сахттаре ҳаст? Оё аз бемории СПИД ва вируси норасоии масунияти бадан, ки дар натиҷаи ривоҷ пайдо кардани зинокорӣ ва бебандубориҳои ҷинсӣ дар ҷомеаҳо ба ҷони миллионҳо одам таҳдид мекунад, имрӯз чизе хатарноктар мушоҳида мешавад?

Расули Худо (с) дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Дар миёни ҳар қавм ва миллате амали рибохорӣ интишор ёбад, онҳо ба хушксолӣ ва қаҳтӣ гирифтор мегарданд ва дар миёни ҳар қавме ришвахорӣ ривоҷ ёбад, онҳо ба тарсу ваҳшат гирифтор мегарданд»*** (Муснади имом Аҳмад, 17367. – Ҷ. 5. – С. 233).

Бибинед, имрӯз тамоми кормандони мақомоти идорӣ ва коргузорони соҳаҳои гуногун, дар натиҷаи интишори беравияи ришвахорӣ дар тору пуди ҷомеа, дар ҳолати тарсу ваҳшат аз якдигар ба сар мебаранд.

[2] Чаппа кардани ридо дар аснои хутба ва ё дуои истисқо бо аҳодиси саҳеҳе аз паёмбари акрам (с) собит шудааст, вале аиммаи ҳанафӣ он амалро аз расули Худо (с) аз боби тафоули хайр таъбир карда онро дар дуои истисқо низ ба мисли дигар дуоҳо суннат ва шарти сиҳҳати он надонистаанд, балки назди имом Абуҳанифа (рҳ) истисқо бе он ҳам ҷоиз аст ва ба гуфтаи соҳиби Эълоу -с-сунан (Ҷ. 4, бахши ҳаштум. – С. 76) он назди имом Абуҳанифа (рҳ) ба мисли дигар суннатҳои ғайриротиба – навофили зоида амри мустаҳаб аст, на шарти сиҳҳат. Аммо назди имом Муҳаммад (рҳ) имом ридоашро дар аснои хутба ва дуои истисқо ба унвони бахше аз равиши маснуни расули акрам (с) дар истисқо чаппа мекунад. Қудурӣ ва соҳиби Ҳидояи шариф қавли имом Муҳаммад (рҳ)-ро тарҷеҳ дода ва фатво дар мазҳаб бар ин қавл аст (Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 4, бахши ҳаштум. – С. 75-77).

Чаппа кардани ридо ба ин сурат аст, ки агар он ба мисли рӯсариҳои мардона дар кишварҳои арабӣ ва ғайра буда ва чаҳоргӯша бошад, тарафи болоашро ба поин ва поинашро ба боло мегардонад ва агар гирд бошад, тарафи росташро ба чап ва чапашро ба рост мегардонад ва агар қабо ва навъе болопӯш бошад, пас онро чаппа мепӯшад – астарашро ба берун ва авраашро ба сӯи дарун бармегардонад (Раддул-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 82).

[3] Саҳеҳи Муслим, 2072 (896)-6; Сунани Абудовуд, 1171.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1030, 1031, 3565, 6341; Саҳеҳи Муслим, 2071-74 (895-96)-5-7.

иҷобати дуояшон васила қарор диҳанд. Ривоят шуда, ки Саъд (рз) биандешид, ки бар дигарон фазле дорад, паёмбар (с) фармуд: ***«Оё шумо ҷуз бо заъифонатон нусрат ва рӯзӣ дода мешавед!»***.[1] Аз расули Худо (с) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Яке аз паёмбарон бо мардум барои талаби борон хориҷ шуд ва мӯрчаеро дид, ки баъзе пойҳояшро ба сӯи осмон бардоштааст. Фармуд: Баргардед, ки ба хотири ин мӯрча бароятон иҷобат шуд»***.[2]

Васила қарор додани аъмоли нек ва шахсиятҳои солеҳ ва аҳли тақво низ барои иҷобати дуо хуб аст. Ривоят шуда, ки Умар (рз) дар замони хилофати хеш вақте барои мардум соли қаҳте пеш меомад, бо васила гардонидани амаки паёмбар (с) Аббос ибни Абдулмутталиб дуои истисқо мекард ва мегуфт: «Худоё, мо бо паёмбарамон ба сӯи Ту тавассул меҷустем ва моро сероб месохтӣ ва мо акнун бо амаки паёмбарат ба сӯи Ту тавассул меҷӯем, пас моро сероб гардон! (Ровӣ) гӯяд: Пас сероб сохта мешуданд».[3]

Абузуръаи Димишқӣ дар Таърихи худ бо санади саҳеҳ овардааст, ки Муъовия (рз) бо Язид ибни Асвад талаби борон кард ва фармуд: «Худоё, мо ба беҳтарин ва афзаламон талаби борон мекунем, Худоё, мо бо Язид ибни Асвад талаби борон мекунем! Эй Язид, дастонатро ба сӯи Худои таъоло бардор! Язид дастонашро бардошт ва мардум ҳам даст бардоштанд. Ин буд, ки дар осмон аз тарафи ғарб абре ба мисли сипар пайдо шуд ва бод ба вазиш даромад ва бороне борид, ки ҳама сероб шуданд».[4] Ба ривояти имом Аҳмад дар китоби Зуҳд Муъовия (рз) аз Абумуслими Хавлонӣ низ дуои талаби борон кардааст.[5]

Аз назари машоихи ҳанафӣ хуб аст дар ҳар амри муфзеъ ва падидаи муҳлик, ба монанди боди сахт, зилзила, торикии шадид, борони беист, соиқа ва ғайра намоз гузорида шавад. Ривоят шудааст, ки Ибни Аббос (рз) дар зилзилаи шаҳри Басра намоз гузорид.[6] Ҳамчунин дар ҳадиси ҳасане ривоят шуда, ки ба Ибни Аббос пас аз намози бомдод гуфта шуд: Фалонӣ – яке аз занони паёмбар (с) вафот кард, вай саҷда кард (намоз гузорид). Ба ӯ гуфта шуд, ки чаро дар ин вақт намоз мегузорӣ!? Фармуд: Оё на ин аст, ки расули Худо (с) фармуда: ***«Вақте ояте (аз оятҳои) Худоро дидед, саҷда намоед!»*** Пас кадом ояте аз рафтани ҳамсарони паёмбар (рз) бузургтар аст!?[7]

Дар Канз аз Ҷобир (рз) ва дар Маҷмаъуз-з-завоид аз Абудардо (рз) ривоят шуда, ки фармуданд: ***«Вақте шабона боди сахте мевазид, расули Худо (с) ба масҷид (ба дуо ва ё намоз) рӯй меовард, то он ки бод ором шавад. Вақте дар осмон рӯйдоде, аз қабили кусуфу хусуф пеш меомад, ба намоз паноҳ мебурд»***.[8]

Дар хабар аст, ки расули Худо (с) вақте дуои истисқо – талаби борон мекард, мегуфт: ***«Худоё, бандагон ва чаҳорпоёнатро сероб гардон ва раҳмататро паҳн намо ва сарзамини мурдаатро зинда соз!»***.[9] Ҳамчунин ривоят шуда, ки он ҳазарт (с) фармуд: **«Аллоҳумма-сқино ғайсан муғисан, мариан, табақан, муриъан, ғадақан, ъоҷилан ғайра роисин** ва дар ривояте: **нофиъан ғайра зоррин»**.[10]

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 2896.

[2] Сунани Дорақутнӣ, 1779; Мустадраки Ҳоким, 1215. Ҳоким исноди онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст, вале баъзе тариҷгарон онро заъиф гуфта, вале дар ин ҳолат ҳам бо маҷмӯи роҳҳои ривоятшудааш тақвият мешавад ва ба дараҷаи ҳадиси ҳасан мерасад.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1010.

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 3. – С. 306, ба нақл аз Талхису-л-ҳабир. – Ҷ. 2. – С. 101.

[5] Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 4, бахши ҳаштум. – С. 87, 88.

Дар китоби «Зуҳд»-и имом Аҳмад омадааст: Дар аҳди Муъовия (рз) соле қаҳт шуд, вай барои талаби борон бо мардум берун гардид.... Муъовия ба Абумуслим гуфт: Дидӣ, ки барои мардум чӣ пеш омада, пас Худоро дуо кун! Абумуслим гуфт: Инро бо ҳама тақсирам бикунам! Он гоҳ бархост... ва сарпӯшро аз сараш бардошт ва дастонашро бардошта дуо кард: *«Худоё, бо Ту талаби борон мекунем ва ман бо гуноҳонам ба сӯи Ту омадам, пас маро навмед нагардон!»* ва ҳанӯз барнагашта буданд, ки бо борон сероб шуданд. Он гоҳ Абумуслим (ба Худо рӯй овард ва) фармуд: *«Худоё, Муъовия маро дар мақоми сумъа ва худнамоӣ қарор дод, агар назди Ту бароям хайре бошад, пас маро ба сӯи хеш қабз фармо!»* Он рӯз панҷшанбе буд ва Абумуслим (рҳ) рӯзи панҷшанбеи оянда қазо кард (Китоби Зуҳд, 2356. – Ҷ. 5. – С. 418). Дар Ирвоу-л-ғалил онро мунқатеъ гуфтааст.

[6] Бадоеъу-с-саноеъ фи тартиби-ш-шароеъ. – Ҷ. 2. – С. 257; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 27. – С. 258.

[7] Сунани Абудовуд, 1197; Сунани Тирмизӣ, 3891. Муборакфурӣ дар «Туҳфа» ба нақл аз Исҳоқ ибни Роҳвайҳӣ овардааст, ки он ҳамсари паёмбар (с) Сафия бинти Ҳуяй буда, ки дар Мадина вафот кардааст ва Ибни Аббос бо шунидани ин хабари муфзеъ пеш аз баромадани офтоб намоз гузоридааст (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 10. – С. 359, 360).

[8] Эълоу-с-сунан. – Ҷ. 4, бахши ҳаштум. – С. 179.

[9] Сунани Абудовуд, 1176.

[10] Сунани Ибни Моҷа, 1269, 1270. ***Худоё, моро бо бо-***

НАМОЗИ ХАВФ

Бояд донист, ки намоз ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ҳоле аз бандаи муъмин соқит намешавад. Ҳатто агар мусулмонон дар майдони ҷанг ва дар ҳолати рӯёрӯӣ ва задухӯрд бо душманон қарор дошта бошанд ҳам, бояд намозро ба ҳар сурате ки имкон дорад, баргузор намоянд. Бинобар ҳамин аҳамияти намоз аст, ки намози хавф ё намози ҳолати ҷанг аз ҷониби Худованд амр гардидааст.

Ҳангоми набард ҳар гоҳ тарс аз ҳуҷуми душман шиддат гирад, мусулмонон намозашонро ба ин сурат адо мекунанд: Имом мардумро ба ду даста тақсим мекунад. Дастаеро дар муқобили душман қарор медиҳад ва бо дастаи дуюм ракъати аввали намозро адо менамояд ва ҳамин ки сарашро аз саҷдаи дуюм баланд кард, ин дастаи намозгузорон мераванд ва дар муқобили душман қарор мегиранд ва дастаи аввал омада, ба имом иқтидо мекунанд ва имом ракъати дуюмро бо онҳо хонда, салом медиҳад. Аммо иқтидокунандагон салом намедиҳанд, балки рафта, дар баробари душман меистанд.

Сипас он даста, ки дар муқобили душман қарор гирифта буданд, меоянд ва ракъати дуюмашонро бе қироат пурра намуда, салом медиҳанд. Баъд аз он онҳо рафта, дар баробари душман қарор мегиранд. Сипас дастаи дуюм бар мегарданд ва бақияи ракъаташонро бо қироат ба итмом расонида, салом медиҳанд.

Ин буд тафсили чигунагии баргузории ду ракъат фарзи намози хавф дар фаҷр (бомдод) ва ё ин ки намози қаср, агар имом мусофир бошад. Ва агар имом муқим бошад, дар фарзи намозҳои чаҳорракъатӣ бо ҳар дастае ду ракъат намоз мегузорад.

Дар намози мағриб (шом) имом бо дастаи аввал ду ракъат ва бо дастаи дуюм як ракъати намозро мехонад.

Дар аснои намози хавф мусулмонон силоҳи худро ба замин намегузоранд. Агар шиддати хавф ба ҳадде бошад, ки натавонанд намозашонро бо ҷамоат барпо намоянд, метавонанд бар болои маркабҳояшон (аспҳо, харҳо ва дигар техникаи ҷангӣ) ва бо ишораи сар ва рӯ ба ҳар тарафе, ки доранд, намозашонро ба сурати инфиродӣ (танҳогузор) хонанд.

Агар дар вақти баргузории намоз душман ба онҳо ҳамла намояд ва онҳо маҷбур ба ҷанг шаванд ё роҳ раванд ва ё ин ки ба сӯи маркабҳояшон ҳаракат кунанд, намозашон ботил мегардад.

НАМОЗ ДАР КАЪБА

Хондани намози фарз ва нафл дар дохили хонаи Каъбаи муаззама саҳеҳ аст, вале дар болои боми он макрӯҳ мебошад. Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст: Вақте шунидам, ки расули Худо (с) ба хонаи Каъба даромад, ба он ҷо омадам, ки паёмбар (с) (аз он) хориҷ шуда буд ва Билолро дар байни дарҳо истода ёфтам. Аз вай пурсидам, ки оё паёмбар (с) дар Каъба намоз хонд? Гуфт: ***«Оре, ду ракъат дар байни ду сутуне, ки аз чапи воридшаванда ҳастанд»***.[1]

Намоз дар хонаи Каъба, чи ба сурати инфиродӣ (танҳогузор) ва чи бо ҷамоат дуруст аст, ҳарчанд рӯи намозгузорон ба як тараф набошад, магар дар сурате ки пушти муқтадӣ ба сӯи рӯи имом бошад. Дар ин сурат намози муқтадӣ дуруст нахоҳад шуд.

рони наҷотбахш, гуворо ва некфарҷом, фарогир, пурбор, шодоб, фаврию бетаъхир ва нафъовару безиён шодоб гардон!

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 397, 1167.

Фасли ҳаждаҳум

АҲКОМИ ҶАНОЗА
ЭҲТИЗОР

Мусулмоне, ки маргаш фаро расида, дар ҳоли «эҳтизор» (назъи ҷон) қарор гирад, суннат аст, ки вайро ба паҳлӯи рост ва рӯй ба қибла бихобонанд ва ба қавли мутааххирин ҷоиз ва ё беҳтар аст, вайро бар пушт хобонида, пойҳояшро ба сӯи қибла намоянд ва дар зери сараш болишт ё чизе бигузоранд, то рӯяш ба ҷониби қибла шавад. Он гоҳ ба атрофаш нишаста, калимаи «таййиба»-ро ба вай талқин намоянд, вале барояш дастури гуфтан надиҳанд, зеро вақти ниҳоят нозукест ва маълум нест аз даҳонаш чӣ берун меояд.[1]

Ҳамин ки фавтид, чашмонашро бипӯшонанд ва шахси мутасаддии ин кор бигӯяд: *«Бисмиллоҳи ва ъало миллати расулиллоҳ (с). Аллоҳумма, яссир ъалайҳи амраҳу ва саҳҳил ъалайҳи мобаъдаҳу ва асъидҳу билиқоика ваҷъал мо хараға илайҳи хайран миммо хараға минҳу»*.[2] Сипас даҳонаш (манаҳаш)-ро бибанданд[3] ва ҳар ду ангушти бузурги пойҳояшро бо ҳам бибанданд ва рӯяшро бо чодаре бипӯшонанд.

Ҳамин ки калима як бор бар забонаш ҷорӣ шуд, дар атрофаш хомӯш бинишинанд ва кӯшиш накунанд, ки пай дар пай калима бигӯяд, чун мақсуд дар ин лаҳазот ин буд, ки калима бигӯяд, он ҳосил шуд. Аммо агар пас аз ҷорӣ шудани калима бар забонаш боз сухани дунявӣ зад, дубора калима бигӯянд, то ӯ ҳам ба забон оварад.

Вақте нафас тунду (тез-тез ба задан афтод) пойҳо суст ва бинӣ зарду каҷ гардид, марг наздик расидааст. Дар ин вақт пай дар пай ва бо овози баланд калимаи таййибаро барояш талқин намоянд.

Хондани сураи муборакаи *«Ёсин»* дар тахфиф (сабукӣ овардан) ва таҳаммули сахтиҳои марг барои вай кӯмак ва қуввате мегардад. Бинобар ин, онро дар болои сараш тиловат намоянд.[4]

---

[1] Аз Абусаъиди Худрӣ (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Ба мурдагони худ (яъне одамоне, ки дар дами марг қарор доранд) калимаи: «Ло илоҳа илла-л-лоҳ»-ро талқин намоед»*** (Саҳеҳи Муслим, 2120 (916)-1; Сунани Абудовуд, 3117; Сунани Тирмизӣ, 976; Сунани Насоӣ, 1825; Сунани Ибни Моҷа, 1445).

[2] Фатовои Ҳиндия. – Ҷ. 1. – С. 173.

[3] Ривоят шуда, ки расули Худо (с) бар (мурдаи) Абусалама ворид шуд ва (дид, ки) чашмаш кушодааст, онро пӯшид ва фармуд: ***«Вақте рӯҳ қабз шавад, дида онро (бо нигоҳаш) дунбол намояд…»*** (Саҳеҳи Муслим, 2127 (920)-7). Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Вақте (ҷон додани) мурдагонатонро ҳозир бошед, чашмашро бипӯшед, ки дида рӯҳро дунбол менамояд ва сухани хайр бигӯед, ки фариштагон (дар он ҳолат) ба суханони аҳли маййит омин мегӯянд»*** (Сунани Ибни Моҷа, 1455 ва Бусирӣ дар Мисбоҳу-з-зуҷоҷа санади онро ҳасан гуфтааст).

[4] Паёмбар (с) дар ҳадисе мефармояд: ***«Сураи Ёсинро бар мурдагони худ бихонед»*** (Сунани Абудовуд, 3121; Сунани Ибни Моҷа, 1448; Муснади имом Аҳмад, 19790. Ҷ. 5. – С. 661; Мустадраки Ҳоким, 2118. – Ҷ. 2. – С. 273; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3002. Ҷ. 7. – С. 269; Амалу-л-явми ва-л-лайла-и Насоӣ, 1074. – С.595). Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар «Талхисулҳабир» онро ҳадиси ғариб ва музтариб гуфтааст, вале Ибни Ҳиббон онро саҳеҳ гуфтааст. Ба ҳамин маъно дар зимни ҳадиси дигаре низ омадааст: ***«…Сураи Ёсин дили Қуръон аст… Онро бар мурдагони худ бихонед»***. Вале онро низ ба тартиби ҳадиси аввал мавқуф ва музтариб гуфтаанд.

Гарчи аҳодиси ривоятшуда дар бораи хондани сураи Ёсин бар сари муҳтазар – дар ҳоли назъ, аз заъф холӣ нестанд, вале имом Аҳмад дар Муснад ба нақл аз Сафвон аз машоих овардааст, ки вақте бемории Ғузайф ибни Ҳориси Сумолӣ – саҳобаи расули Худо (с) шиддат гирифт, онҳо ба назди ӯ омаданд. Гуфт: Касе аз шумо Ёсин мехонад!? Пас Солеҳ ибни Шурайҳи Саккунӣ онро хонд ва вақте ба ояти чиҳилуми он расид, (рӯҳи) Ғузайф қабз шуд. (Сафвон) фармуд: Пас машоих мегуфтанд, ки вақте он назди муҳтазар хонда шавад, ба баракати он барояш тахфиф ҳосил шавад, яъне бо хондани сураи Ёсин бар сари шахси муҳтазар Худо дар таҳаммули сахтиҳои марг ба вай мадад ва барояш тахфиф (сабукӣ) эҷод мекунад (Муснади имом Аҳмад, 17094

Дар ин вақт бояд аз суҳбат ва гуфтугузори дунявӣ, ки дилашро ба сӯи дунё бикашонад, худдорӣ шавад, зеро дигар вақти ҷудоӣ аз дунё ва расидан ба пешгоҳи Парвардигор аст. Аз ин рӯ, зарур аст калимоте гуфта шавад, ки рағбату шавқ ба дидори Худоро дар дилаш бештар ва алоқамандиву дилбастагӣ ба дунёро сардтар намояд.

Дар вақти марг, агар калимоти куфромезе ба забонаш омад, ба он набояд таваҷҷуҳ кард, зеро дар он сахтиҳои ҷон кандан ақлашро аз даст дода, бе қасду ирода он калимот аз забонаш берун меоянд ва дар ин ҳол ҳарчи бигӯяд, муъоф аст.

Аз назди мурда бояд одами ҷунуб, зани ҳоиз ва ё дар ҳолати нифос берун шаванд ва аз назари ҷумҳури аимма ҳузури онҳо дар он ҳолат кароҳият дорад, зеро он вақти нузули раҳмат ва фариштагон бар шахси фавтида аст ва онҳо мӯҷиби дур шудани фариштагон аз он ҷо мегарданд.

Назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ бӯса кардани рӯи мурда ҷоиз аст. Ривоят шуда, ки «расули Худо (с) рӯи Усмон ибни Мазъунро пас аз маргаш бӯсид»[1] ва «Абубакр байни чашмон – пешонаи расули Худо (с)-ро пас аз вафоташ бӯса кард».[2]

ҒУСЛИ МАЙЙИТ

Шустани мурда фарзи кифоя аст, ҳар гоҳ баъзе аз мардум онро анҷом диҳанд, аз дигарон соқит мешавад. Нияти барои сиҳҳат (дуруст гардидан)-и ғусл ва пок шудани маййит барои намози ҷаноза шарт нест, вале барои соқит гардидани фарзи ғусл аз зиммаи мукаллафон шарт аст.

1. Шустани мурда ба ин тариқ аст, ки ӯро дар болои тахте хушбӯишуда мегузоранд ва порчаҳоеро рӯи авраташ ниҳода, аввал истинҷояш медиҳанд. Ба ин тартиб, ки шӯянда ба дасти худ дастак пӯшида ва ё порча ё пахтаеро печонида, дасташро ба зери чодар бурда, ба ӯ истинҷо медиҳад. Он гоҳ бе он ки даҳону биниашро бишӯянд, таҳорат медиҳанд. Нохунҳояш гирифта намешаванд ва ришашро ҳам шона намекунанд. Сипас мурдаро бар паҳлӯи чапаш хобонида ва ӯро аз сар то по бо об мешӯянд ва баъд аз он бар паҳлӯи росташ хобонида, ҷойҳоеро, ки об нарасидааст, ғусл медиҳанд.

2. Пас аз он шӯянда мурдаро мешинонад ва ба худ такя дода, бо оҳистагӣ шикамашро молиш медиҳад. Агар чизе аз он берун ояд, онро мешӯяд ва шустанро аз аввал сар намекунад. Баъд аз он боз ӯро ба паҳлӯи чапаш хобонида, бори сеюм бо обе, ки бо кофур омехта аст, мешӯяд.

3. Бо як бор шустан, ба сурате ки об ба тамоми бадани мурда бирасад, фарзи шустан халос мешавад ва аммо шустани бори дуюм ва сеюм суннат аст.

4. Агар моддаҳои ҳанут ва кофур (хушбӯиҳо) набошанд, бо оби муқаррарӣ мурдаро бишӯянд.

5. Дар вақти ғусл додан гӯшҳо ва биниашро бо порча ва ё пахтае бибанданд, то об дохили онҳо наравад.

6. Агар мурда дар ҳолати ҷанобат ё зан дар ҳолати ҳайзу нифос аз дунё гузашта бошад, дохил намудани об дар даҳону биниаш лозим мебошад. Пас аз он обро бояд ба воситаи қитъаи пахта ё порчае аз даҳонаш берун оваранд.

7. Вақте мурдаро болои кафан гузоштанд, бар сараш хушбӯй бизананд. Агар мард бошад, ришашро низ хушбӯ созанд. Сипас пешонию бинӣ, кафи ду даст, ҳар ду зону ва кафи ҳар ду пои маййитро бо кофур ё хушбӯии дигаре хушбӯй намоянд. Ин ҳафт мавзеъи бадан саҷдагоҳҳои ӯ дар даврони зиндагияш буданд.

(16969). Дар Муснади ал-Фирдавс аз Абудардо (рз) ва Абузар (рз) ба таври марфӯъ ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Ҳеҷ мирандае намирад, пас назди ӯ сураи Ёсин хонда шавад, магар ин ки Худованди азза ва ҷалл, бар вай сабук созад»*** (Муснаду-л-Фирдавс бимаъсури-л-хитоб, 6099. – Ҷ. 4. – С. 32. – Бейрут, 1986; Ибни Ҳаҷар. ат-Талхису-л-ҳабир, 2354, боби 895. Ҷ. 3. – С. 1156. – Риёз, 2007; Ибни Ҳаҷар. ал-Матолибу-л-ъолияту би завоиди-р-л-масониди-с-самония, 782. – Ҷ. 5. – С. 215–217. – Риёз ,1998). Ибни Касир овардааст, ки баъзе уламо гӯянд: Сураи Ёсин ҳангоми ҳар душворие хонда шавад, Худо онро осон ва муяссар гардонад. Қироати он болои сари маййит барои ҷалби раҳмат ва баракот (-и Парвардгор) ва хуруҷи осони рӯҳ аз бадани ӯст (Тафсири Ибни Касир. Ҷ. 5. – С. 271).

Ибни Ҳаҷар овардааст, ки баъзе тобеин – Ҷобир ибни Зайд аз шогирдони Ибни Аббос (рз) хондани сураи Раъдро назди бемори муҳтазар дӯст медошт ва аз Шаъбӣ ривоят шуда, ки мардуми ансор хондани сураи Бақараро назди муҳтазар дӯст медоштанд (ат-Талхису-л-ҳабир, 2361, боби 897. – С. 1158).

[1] Сунани Абудовуд, 3163; Сунани Тирмизӣ, 989.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1241, 1242; Сунани Насоӣ, 1839, 1840.

8. Агар марде фавт кард ва аз мардон касе пайдо нашуд, ки ӯро бишӯяд, зане, ки бо вай маҳрам бошад, ӯро бишӯяд ва агар зани маҳрам ҳам пайдо нашуд, вайро таяммум диҳанд. Агар таяммумдиҳанда номаҳрам бошад, дасти худро бо порчае печида, таяммум диҳад.

Асл он аст, ки мурдагони мардро мардон ва занро занон бишӯянд ва бар пояи фармудаҳои мазҳаби ҳанафӣ мустаҳаб аст, ки мурдаро наздиктарин хешовандонаш бишӯянд ва агар натавонанд, пас касе аз аҳли амонат ва вараъ ин корро анҷом диҳад.

9. Дар сурати фавт кардани мард агар касе аз мардон ва ё маҳрамҳои дигараш мавҷуд набошанд, занаш метавонад вайро ғусл диҳад (бишӯяд),[1] вале агар зан бимирад, тибқи назароти машоихи ҳанафӣ шавҳар наметавонад ӯро бишӯяд ва ё ба вай даст расонад. Зеро марг онҳоро дар дунё абадан аз ҳам ҷудо кардааст.[2] Аммо назар кардан ва бо кафан бардоштани мурдааш барои шавҳараш ҷоиз мебошад.[3]

10. Агар мурдашӯй ҷунуб ва ё зане дар ҳайз ва ё нифос бошад ҳам, ғусли мурда бо кароҳият дуруст мешавад.[4]

11. Барои шустани зан, зане, ки аз хешовандони наздикаш бошад, беҳтар аст. Агар чунин зане пайдо нашавад, ҳар зани диндор ва покдомане бошад, ҷоиз аст.

12. Агар мурдашӯй дар вақти шустани маййит айберо (норасоӣ) бинад ё дид, ки сурати вай дигаргун гаштааст, ба касе дар он бора изҳор накунад.

13. Агар касе дар дарё ғарқ шуда, фавт намояд, ҳар гоҳ берун оварда шавад, лозим аст аз сар бо нияти ғусл шуста шавад. Ғарқ шудан дар об ҷои ғуслро намегирад, аммо вақти берун овардан агар ба нияти ғусл дар об ҳаракат дода шавад, ғусл анҷом меёбад. Боридани борон бар болои ҷуссаи маййит низ ҳамин ҳукмро дорад.[5]

14. Агар танҳо сари касе пайдо шавад, шуста намешавад, балки ҳамон тавр ба порчае печида, дафн карда мешавад. Агар аз нисф бештари бадан пайдо шавад, хоҳ бо сараш бошад, хоҳ бидуни сар, шустани он воҷиб аст ва агар танҳо нисфи бадан пайдо шавад, дар сурате ки бо сараш бошад, шустани он воҷиб ва агар бидуни сар бошад, шустанаш воҷиб нест. Вале агар камтар аз нисфи бадан ё узве аз аъзояш пайдо шавад, хоҳ сараш бошад, хоҳ набошад,

---

[1] Зеро пас аз вафоти шавҳар зан иддаи вафотро аз сар мегузаронад ва ҳанӯз ҳам баъзе робитаҳои заношавҳарӣ дар байнашон ба гунае боқӣ ҳастанд. Аммо агар зан дар замони ҳаёти шавҳараш талоқи боин гашта бошад ва ё пас аз маргаш муртад шавад, дигар шаръан ҳаққи шустани мурдаи шавҳарашро надорад.

[2] Ин шарти вуҷуб ва ҷавози ғусл аст, на шарти сиҳҳат ва адо гардидани он (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 105).

[3] Бо иттифоқи тамоми фақеҳон зан, вақте дар никоҳи мард бошад ва ё дар иддаи талоқи рачъӣ ба сар барад, метавонад шавҳарашро бишӯяд. Дар ин бора аз Оиша (рз) ривоят шуда, ки фармуд: «Агар кори гузашта бори дигар бароям пеш меомад, ӯ (паёмбар (с)-ро ба ҷуз ҳамсаронаш касе намешуст» (Сунани Абудовуд, 3141). Ҳамчунин ривоят шуда, ки Абубакри Сиддиқ (рз) ҳамсараш Асмо бинти Умайсро васият кард, ки мурдаи ӯро бишӯяд.

Вале дар бораи шустани мард занашро дар байни фақеҳони уммат ду нуқтаи назар вуҷуд дорад: а) Назди машоихи ҳанафӣ он комилан ҷоиз нест, зеро никоҳашон бо марги зан бурида мегардад, б) назди ҷумҳури мазоҳиб – моликӣ, шофеъӣ ва дар қавли машҳур назди ҳанбалиён мард метавонад ҳамсарашро бишӯяд, зеро ривоят шуда, ки Алӣ (рз) ҳамсараш Фотимаро шуст ва касе аз саҳобагон ба он эътироз накард. Пас он иҷмоъи сукутӣ аз сӯи онҳо ба шумор меравад. Паёмбар (с) низ ба Оиша (рз) гуфт: ***«Агар пеш аз ман вафот мекардӣ, ғусл, кафан, намози ҷаноза ва дафнатро худам анҷом мededодам»*** (Сунани Ибни Моҷа, 1465). Вале дар мазҳаби ҳанбалӣ вақте аз занон шӯяндае мавҷуд бошад, он барои хуруҷ аз шубҳа ва хилоф кароҳият дорад.

Аз назари машоихи ҳанафӣ шустани Алӣ (рз) Фотимаро иҷмоъ ба шумор намеравад, балки Ибни Масъуд ба он эътироз кардааст, камо фи-л-Бадоеъ. – Ҷ. 2. – С. 36.

[4] Ба гуфтаи Косонӣ дар Бадоеъ: Агар ғосил ҷунуб ва ё зани ҳоиз ҳам бошад, мақсуди ғусл, ки пок сохтани мурда аст, бо он ҳосил мешавад. Ва ривоят шуда, ки Абуюсуф (рҳ) шустани мурдаро ба василаи зани ҳоиз макрӯҳ донистааст (Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 2. – С. 33). Аммо соҳиби Фатҳ ва Рад онро ба василаи шахси ҷунуб ва зани ҳоиз макрӯҳ гуфтаанд (Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 115; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 111).

[5] Баъзе машоихи мазҳаб дар ин бора назари дигар доранд. Дар «Иноя» омадааст, ки об бо табиаташ поксозанда аст ва чӣ тавре ният дар ғусли шахси зинда шарт нест, дар мурда ҳам шарт намебошад, бинобар ин, вақте аҳли маййит вайро бе нияти ғусл бишӯянд, ҷоиз аст. Соҳиби Фатҳ ақволи машоихро бо ҳам чунин вифқ дода, ки ният барои соқит кардани вуҷуби он аз мукаллафон шарт аст, на барои пок шудан ва дуруст гардидани намоз бар мурда. Ибни Обидин гуфтаҳои онҳоро чунин хулосабандӣ намуда, ки барои соқит кардани фарз феъл – анҷоми он амал зарур аст ва ният шарти ба даст овардани савоб аст.

Бинобар ин, агар пас аз берун кардани мурда аз об бе иъодаи ғусл бар вай намоз гузоранд, намоз дуруст аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 108-109).

шуста намешавад.

15. Агар ҷасади мурдае ёфт шавад ва маълум набошад, ки мусулмон аст ё кофир, модоме ки дар сарзамини ислом (дору-л-ислом) аст, ғусл, кафан ва намоз карда мешавад.

16. Дар майдони ҷанг ё ҷои дигаре ҷасади мусулмонҳо ва кофирон бо ҳам омехта шаванд, дар сурати шинохта нашуданашон ҳама шуста мешаванд ва дар сурати шинохта шудани мусулмон аз ғайри мусулмон, танҳо мусулмонон шуста мешаванд.

17. Шахсони ёғӣ ва дузд (роҳзанон), ки ҳангоми даргирӣ бо сарбозони ислом кушта мешаванд, куштагони онҳо шуста мешаванд, вале бе намози ҷаноза дафн карда мешаванд.

18. Агар хешованди мусулмоне кофир бошад, чун бимирад, ҷасадашро ба ҳамдинонаш таҳвил диҳанд. Агар ҳамдине барояш ёфт нашавад ва ё қабул накарданд, ӯро ба хотири каромати инсонӣ ва эҳтироми ҳамнавъӣ дар асли башарият шуста дафн намоянд, вагарна кофир наҷис аст ва бо шустан ҳам пок намегардад.[1]

Шахси муртад – аз дин баргашта аз кофири модарзод фарқ дорад. Агар муртадде бимирад, на шуста мешавад ва на ба ҳамдинонаш супорида мешавад.

19. Шустани мурда бар пояи таълимоти ислом ибодат ва аз ҷумлаи воҷиботи мусулмонон аст ва аз он ҷо ки кофир аҳли ибодат нест ва ният аз вай саҳеҳ намегардад, назди ҷумҳури мазоҳиб бо шустани кофир мурдаи мусулмон пок намегардад. Бинобар ин, вақте мусулмоне дар кишварҳои ғайриисломӣ фавт намояд ва шахси мусулмон барои шустани вай мавҷуд бошад, вале дар бемористон ба василаи номусулмоне, ҳарчанд бо шароити хосси беҳдоштӣ ҳам шуста шавад, он ғусли шаръӣ ба шумор намеравад ва бояд аз нав ба василаи ғосили мусулмоне шуста шавад.[2]

20. Дар сурати набудани об маййитро таяммум диҳанд ва то замоне ки дафн нашуда бошад, агар об пайдо шавад, ӯро бишӯянд.

ТАКФИН

Такфин – кафан кардани мурда низ монанди шустани вай фарзи кифоя аст.

Кафани мардон мутобиқи суннат иборат аст аз:

1. Лифофа (чодар, танпеч): аз сар то пойро мепӯшонад.

2. Пероҳан (курта): аз бехи гардан то поро дар бар мегирад.

3. Изор: ба монанди лифофа аз сар то пойи мурдаро фаро мегирад.

Кафани занон мутобиқи суннат иборат аст аз:

1. Лифофа.

2. Пероҳан.

3. Изор.

4. Сарбанд ва он чодарест, ки бо он рӯяш пӯшонида мешавад.

5. Синабанд ва он порчаест, ки синаҳояшонро бо он мебанданд.

ТАРЗИ ПЕЧИДАНИ КАФАНИ МАРД

1. Аввал кафанро хушбӯ мекунанд.

2. Лифофа (чодар, танпеч)-ро ҳамвор намуда, бар рӯи он изорро мениҳанд.

3. Қабате аз куртаро болои изор ва мурдаро рӯи онҳо мегузоранд.

4. Ба сару рӯяш ҳанут (атре, ки аз чизҳои хушбӯ таркиб ёфтааст) ва ба ҷойҳое, ки ба онҳо саҷда мекард, кофур мезананд.

5. Куртаро ба баданаш мепӯшонанд.

6. Лабҳои изорро болои мурда мегардонанд ба ин тариқ ки аввал аз тарафи рост ва сипас аз тарафи чап сар кунанд.

7. Лифофаро рӯи мурда давр медиҳанд (мепечанд) ба тавре ки тарафи росташ болои ча-

[1] Дар таълимоти ислом ба хотири арҷ ниҳодан ба каромати инсонӣ ва асли башарият мурдаи шахси кофир ҳам вақте ҳамдинонаш ӯро напазиранд ва ё бекас монда бошад, бе анҷоми тадорукоти шаръие, ки барои дафни бандаи муъмин, аз қабили шустан, кафан кардан, намози ҷаноза ва ғ., пешбинӣ шудаанд, бояд шуста, ба порчае печида ва ба хок супорида шавад.

[2] Ин шарт ба ҳолатҳои муқаррарӣ вобаста аст ва ба вақти зарурат, ки ғайр аз он чорае набошад, ҷоиз аст, мас., вақте дар чунин ҳолат шахси мусулмоне пайдо нашавад. Пас мусулмон будани ғосил шарти вуҷуб ва ҷавози ғусл аст, на шарти сиҳҳат ва адо гардидани он.

Бино ба қавли саҳеҳ ва мансус назди шофеъиҳо агар кофире мусулмонеро бишӯяд, он басанда аст, зеро ният назди аиммаи шофеъӣ дар чунин корҳо шарт нест.

паш қарор гирад.

Ҳар гоҳ бими кушода шудани кафан вуҷуд дошта бошад, гӯшаҳои онро бо чизе гирех мезананд.

ТАРЗИ КАФАН КАРДАНИ ЗАН

1. Кафанро хушбӯ мекунанд.
2. Лифофаро ҳамвор карда, изорро болои он мегузоранд.
3. Қабате аз куртаро болои изор ва мурдаро рӯи онҳо мегузоранд.
4. Ба сараш ҳанут (моддаи хушбӯ) ва ба саҷдагоҳҳояш – узвҳои саҷдааш кофур мезананд.
5. Қабати болои куртаашро ба баданаш мепӯшонанд.
6. Гесувонашро баста аз рӯи курта бар болои синааш мегузоранд.
7. Сарбандро ба рӯяш мениҳанд.
8. Синабандро болои куртааш мебанданд.
9. Изор ва сипас лифофаро рӯи мурда давр медиҳанд.

Агар дар кафани зан панҷ порчаи гуфташуда фароҳам набошад ё бошад, вале ба он миқдор боло нарафтанд, балки ба се порчаи он иктифо (басанда) намуданд, ҷоиз аст, ба шарте ки он се аз лифофа, изор ва сарбанд иборат бошанд. Камтар аз ин бе ягон узре макрӯҳ аст.

Кафани суннат барои мард се порча аст. Агар ба ду порчаи он – лифофа ва изор иктифо намоянд, ҷоиз аст ва камтар аз ин бе ягон узре макрӯҳ мебошад.

Баъд аз кафан кардан суннат аст, ки майит фавран барои намоз ва дафн берун оварда шавад.

Дар қабати кафан гузоштани аҳднома ё шаҷара ва ё дуои дигаре ҷоиз нест, ҳамчунин навиштани калимаи «таййиба» ё дуои дигаре бар синааш рӯи кафан ҷоиз нест. Аммо гузоштани порчае аз пардаи хонаи Каъба монеъе надорад.

Мурда дар ҳар шаҳру маконе фавт кунад, ҳамон ҷо дафн мешавад. Интиқол доданаш ба ҷои дигаре хуб нест, магар дар сурати узр.

Агар қабре берун рехта, яъне бо сабабе канда шавад ва дар он ҷасади бе кафане ёфта шавад, ба тариқи суннат кафан кардани он воҷиб аст.

Фасли нуздаҳум

НАМОЗИ ҶАНОЗА

1. Намози ҷаноза низ монанди шустан ва кафан кардани мурда фарзи кифоя аст. Ҳар гоҳ баъзе аз мардум онро анҷом диҳанд, аз дигарон соқит мешавад.

Намози ҷаноза дар ҳақиқат, дуо аст барои шахси фавтида ба пешгоҳи Парвардигори меҳрубон. Тарзи хондани намози ҷаноза ба ин сурат аст, ки имом дар баробари синаи мурда қарор гирифта, ният мекунад. Мардум низ бо ният дар ақиби ӯ саф мебанданд. Сипас, такбир гуфта, сано (Субҳонака-л-лоҳумма) мехонанд. Баъд аз он такбири дуюмро мегӯянд ва бар расули Худо (с) дуруд мефиристанд. Пас аз он такбири сеюмро гуфта, барои мурда ва ҳамчунин барои зиндагон ва мурдагони мусулмонон дуо мекунанд. Беҳтар аст яке аз дуоҳои маъсура (ривоят-шуда)-ро бихонанд. Аз расули Худо (с) дар ин бора дуоҳои гуногуне ривоят шуда, ки аз ҷумлаи онҳо ин дуо аст:

اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِحَيِّنا ومَيِّتِنا، وشَاهِدِنا وغَائِبِنا،
وصَغِيرِنا وكَبِيرِنا، وذَكَرِنا وأُنْثانا.
اللَّهُمَّ مَنْ أَحْيَيْتَهُ مِنَّا فَأَحْيِهِ عَلَي الإِسْلام
ومَنْ تَوَفَّيْتَهُ مِنَّا فَتَوَفَّهُ عَلَي الإِيمان.

«Аллоҳуммағфир ли ҳаййино ва маййитино ва шоҳидино ва ғоибино ва сағирино ва кабирино ва закарино ва унсоно. Аллоҳумма, ман аҳяйтаҳу минно, фааҳйиҳи ъала-л-ислом ва ман тавaффайтаҳу минно, фатаваффаҳу ъала-л-имон».[1]

«Худовандо, гуноҳони зиндагон, мурдагон, ҳозирон ва ғоибон, хурду калон ва мардону занони моро биомурз. Парвардигоро, барои ҳар касе аз мо неъмати зиндагонӣ арзонӣ доштӣ, ҳаёти ӯро бо зевари ислом биорой ва ҳар касеро, ки аз миёни мо мемиронӣ, ӯро бо имон бибар».[2]

Пас аз дуо такбири чаҳорумро гуфта, салом медиҳанд.

Ҳангоми такбироти чаҳоргонаи намози ҷаноза намозгузорон ба ҷуз дар такбири аввал дастонашонро намебардоранд.[3]

---

[1] Авф ибни Молики Ашҷаъӣ (рз) мегӯяд: Паёмбар (с)-ро дар намози ҷанозае шунидам, ки дуо мекард:

اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وارْحَمْهُ، وعَافِهِ واعْفُ عَنْهُ، وأَكْرِمْ نُزُلَهُ ووَسِّعْ مُدْخَلَهُ،
واغْسِلْهُ بِالْمَاءِ والثَّلْجِ والْبَرَدِ، ونَقِّهِ مِنَ الْخَطَايا كَما يُنَقَّي الثَّوْبُ الأَبْيَضُ
مِنَ الدَّنَسِ، وأَبْدِلْهُ داراً خَيْراً مِنْ دارِهِ وأَهْلاً خَيْراً مِنْ أَهْلِهِ وزَوْجاً
خَيْراً مِنْ زَوْجِهِ، وأَدْخِلْهُ الْجَنَّةَ وأَعِذْهُ مِنْ عَذابِ الْقَبْرِ وعَذابِ النَّارِ.

Худоё, барояш мағфират ва раҳмат намо, барояш офият бидеҳ ва аз (гуноҳони) вай даргузар, меҳмониашро боикром ва даромадгоҳашро васеъ бигардон ва ӯро бо обу барф ва жола бишӯй ва ҳамон тавре ки либоси сафед аз чирк пок сохта мешавад, ӯро аз гуноҳонаш пок бигардон, манзиле беҳтар аз ин манзилаш, аҳле беҳтар аз аҳлаш ва ҳамсаре беҳтар аз ҳамсараш барои вай ато фармо ва ӯро аз озмоиши қабр ва азоби оташ нигаҳ дор». Авф ибни Молик, ровии ҳадис мегӯяд: Вақте ин дуоро аз паёмбар (с) шунидам, орзу кардам, ки кош ман дар ҷои ин мурда мебудам. (Саҳеҳи Муслим, 2229 (963)-85; Сунани Тирмизӣ, 1025).

Абуҳурайра (рз) мефармояд, ки пас аз ҳамди Худо (сано) ва дуруд бар паёмбар (с) ин дуоро мехондам: ***«Аллоҳумма, ъабдука в-абну ъабдика вабну аматика, кона яшҳаду ан ло илоҳа илло Анта ва анна Муҳаммадан ъабдука ва расулука ва Анта аъламу биҳи. Аллоҳумма, ин кона муҳсинан фазид фӣ ҳасанотиҳи ва ин кона мусиан фатаҷоваз ъан саййиотиҳи. Аллоҳумма, ло таҳримно аҷраҳу ва ло тафтинно баъдаҳу»*** (Ҳадис саҳеҳ ва мавқуф аст, онро имом Молик дар Муваттаъ (Ҷ. 2. – С. 310) ривоят кардааст; Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 125-126).

[2] Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) вақте бар ҷанозае намоз мехонд, ***Аллоҳумма-ғфир ли ҳаййино ва маййитино…*** *(дуои мазкур)-ро мехонд»* (Сунани Абудовуд, 3201. Сунани Тирмизӣ, 1024). Дар ривояти Абудовуд дар охири дуо ибораи зерин: *«Аллоҳумма, ло таҳримно аҷраҳу ва ло тузиллано баъдаҳу»* омадааст, ки ба маънои: *«Худоё, моро аз аҷри ӯ маҳрум ва пас аз вай гумроҳ нагардон»*, мебошад.

[3] Бардоштани дастон – рафъи ядайн дар такбироти намози ҷаноза назди аиммаи мазҳаб, ҷуз дар такбири аввал машрӯъ нест ва ин зоҳири ривоят дар мазҳаб аст. Ба гуфтаи соҳиби Рад(д) ба нақл аз Шарҳи Дурару-л-биҳор

2. Дар хондани намози ҷаноза ҷамоат шарт нест. Бинобар ин агар як нафар – мард бошад ё зан намози ҷанозаро бихонад, фарз адо меёбад, вале бо ҷамоат беҳтар аст.

Агар ноболиғе намози ҷанозаро бихонад, намозаш дуруст аст, вале фарзи кифоя бо он аз зиммаи мусулмонон соқит намегардад.

3. Сазовортарини мардум барои имоматии намози ҷаноза ҳоким аст ва агар ҳузур надошта бошад, қозӣ ва агар ӯ ҳам набошад, имоми масҷиди деҳа ва дар сурати набудани ӯ, валии (соҳиби) мурда сазорвортарини мардум барои имоматии намози ҷаноза мебошад.

Ҳар гоҳ бе иҷозати валӣ ва ҳоким каси дигаре, ки мустаҳиққи имомат набошад, бар мурда намози ҷаноза хонад, валӣ (соҳиби мурда) агар бихоҳад, метавонад намозро аз нав адо намояд.

Баъд аз он ки валӣ бар мурда намоз гузорид, барои каси дигаре дуруст нест бори дуюм бар ӯ намоз гузорад.

Агар мурдае бе намоз дафн гардад, то замоне ки бар вайрон нашудани ҷасадаш гумон ғолиб ояд, яъне то се рӯз болои қабраш намоз гузорида мешавад ва пас аз се рӯз намоз хонда намешавад.[1]

ҚИРОАТИ СУРАИ ФОТИҲА ДАР НАМОЗИ ҶАНОЗА

Дар бораи қироати сураи Фотиҳа дар намози ҷаноза дар назди ҷумҳури аҳли суннат аз саҳобагони киром ва тобеин то пешвоёни мактабҳои фиқҳӣ ду нуқтаи назар ва ё қавл вуҷуд дорад. Назди бузургони мазҳаби шофеъӣ ва ҳанбалӣ хондани он воҷиб аст, зеро он дар ҳадиси саҳеҳе аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст. Назди имом Молик (рҳ) ва имом Абуҳанифа (рҳ) хондани он ба ваҷҳи дуо ҷоиз аст, вале суннат ва ё барои дуруст гардидани намоз шарт нест. Зеро бо санади саҳеҳ ривоёт ва осоре аз саҳобаи киром собит шуда, ки ба хондани он дар намози ҷаноза ишорае нашудааст, ҳамон гуна ки дар ҳадиси Абуҳурайра (рз) дар дуо барои шахси фавтида баён гардид. Имом Молик (рҳ) мефармояд: Намози ҷаноза дуост ва қироати сураи Фотиҳа (дар он) дар сарзамини мо (Мадинаи мунаввара) маъмул ва роиҷ нест ва дар Муваттаъ ба таври саҳеҳ ва мавқуф ривоят мекунад, ки: *«Ибни Умар дар намози ҷаноза қироат намекард»*.[2]

Аз он ҷо ки ҳар ду қавл бо ривоятҳои саҳеҳ собит шудаанд, пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ ва моликӣ хондани онро бар ҷавоз ҳамл кардаанд, на бар суннат ва шарт будан.

НАМОЗИ ҶАНОЗАИ ҒОИБ

Дар бораи намоз бар ҷанозаи шахси ғоиб низ дар назди пешвоёни ислом ва мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат ҳамин тавр ду назари умумӣ вуҷуд дорад. Он дар назди имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва аксари аҳли илм ҷоиз нест ва ривояте, ки дар бораи намози расули Худо (с) бар ҷанозаи Наҷошӣ – подшоҳи Ҳабаша собит шуда, ба худи он ҳазрат (с) хос аст. Зеро дар охири ривояти Имрон ибни Ҳусайн (рз) дар ин бора омадааст: ***«…ва онҳо гумон намекарданд, магар ин ки ҷанозаи ӯ (Наҷошӣ) дар пеши расули Худо (с) аст»***.[3]

Назди имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва баъзе аҳли илм он ба мисли намоз бар ҷанозаи шахси ҳозир ҷоиз аст, зеро он дар ҳадиси саҳеҳ собит шуда ва пас аз он ҳеҷ далеле дар бораи мансух ва ё мамнуъ будани он ворид нашудааст.

ҶАНОЗА ВА ДАФНИ ТИФЛ

Агар мурда тифл – писараки норасид бошад, дар ҷанозааш ин дуоро мехонанд:

«Аллоҳумма-ҷъалҳу лано фаратан ва-ҷъ-

назди аиммаи Балх дар тамоми такбироти намози ҷаноза (ба мисли такбироти намози ид) дастонашро мебардорад ва ин қавли аиммаи сегона – ҷумҳури аимма ва ривояте аз Абуҳанифа (рҳ) аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 128).

[1] Ривоят шудааст, ки *«Марде ва ё зане, ки масҷиди паёмбар (с)-ро меруфт, вафот кард ва он ҳазрат (с) аз марги вай огоҳ нашуд. Рӯзе ӯро ба ёд овард ва гуфт:* ***Фалон одам чӣ кор кард?*** *Гуфтанд: Вафот кард, эй расули Худо (с). Гуфт:* ***Пас чаро маро хабар накардед?*** *Гуфтанд: Вай чунину чунон буд ва шаъни ӯро паст заданд. Фармуд:* ***Қабрашро ба ман нишон диҳед****. Он гоҳ ба қабри вай омада, бар вай намоз гузошт»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 458, 460, 1337; Саҳеҳи Муслим, 2212 (956)-71; Сунани Абудовуд, 3203; Сунани Ибни Моҷа, 1527).

[2] Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 125, ба нақл аз Муваттаи имом Молик.

[3] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3092. Маънои ҳадис он аст, ки вақте аз пушти расули Худо (с) саф бастем ва такбир гуфт, гумон кардем, ки ҷаноза дар пеши он ҳазрат (с) қарор дорад. Бинобар ин, он хос ба паёмбар (с) мебошад.

алҳу лано ағфран ва зухран ва-ғъалҳу лано шофиъан ва мушаффаъан».

«Парвардигоро, ин тифлро подоши пешраванда ва аҷру захира, шафоаткунанда ва шафоатхоҳи мо бигардон».

Агар духтараки норасида бошад, ҳамон дуоро ин тавр бихонанд:

«Аллоҳумма-ғъалҳо лано фаратан ва-ғъалҳо лано аҷран ва зухран ва-ғъалҳо лано шофиъатан ва мушаффаъатан».

Ба ғои замири **«ҳу»** замири **«ҳо»**-ро ба кор баранд, яъне ба ғои *«иғъалҳу» «иғъалҳо»,* ба ғои *«шофиъан» «шофиъатан»* ва ба ғои *«мушаффаъан» «мушаффаъатан»* бигӯянд.

Агар тифле мурда ба дунё омада бошад, шуста шуда ва дар порчае печида бе номгузорӣ ва намоз дафн карда мешавад.

Агар ҳамле (ғанине) сиқт шавад (афтад), вақте узвҳои бадан ва хилқаташ пайдо гашта бошанд, ҳукми тифли мурда ба дунёомадаро дорад. Аммо агар узвҳои бадан ва хилқати ғисмониаш ҳанӯз пайдо нагашта бошанд, дар порчае печида, бе номгузорӣ, шустан ва намози ғаноза дафн карда мешавад.

Дар ҳолати вазъи ҳамл, вақте сари тифл берун меояд, зинда бошад, вале ҳанӯз ғасадаш берун нагашта, бимирад, ҳукми тифли мурда бадунёомадаро дорад, ки шуста ва дар порчае печида шуда, бе номгузорӣ ва намоз дафн карда мешавад.

Агар пас аз таваллуд нишонаҳои ҳаёт, ба мисли ғунбиш, нафасгирӣ, садои гиря ва ғайра дар тифл мушоҳида шаванд ва ё вақте бештари бадаанаш берун меояд, зинда бошад ва пас аз он бимирад, аҳкоми зинда бар вай ғорӣ мегардад, ба ин маъно, ки номгузорӣ, шуста ва бо намози ғаноза дафн карда мешавад. Ҳамчунин агар аз вай моле бар ғой монда бошад, мерос бурда мешавад.

Духтари наздик ба балоғат ҳукми зани болиғро дорад ва бояд дар панҷ порча кафан шавад. Духтари хурд, агар дар панҷ порча кафан шавад, беҳтар аст ва агар дар ду порча ҳам – лифофа ва изор кафан шавад, ғоиз аст.

ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ НАМОЗИ ҒАНОЗА

1. Шахси фавтида мусулмон бошад, агарчи фосиқ ва бадкора ҳам бошад, бар вай намоз гузорида мешавад. Бар мурдаи ёғӣ ва дузд (роҳзан) ба шарте дар ҳолати ғангу даргирӣ бо лашкари ислом кушта шаванд ва низ бар кушандаи падару модари худ намози ғаноза хонда намешавад.

2. Агар падару модар ҳар ду ё яке аз онҳо мусулмон бошад, тифл ва кӯдаки эшон мусулмонзода буда, бар он намоз хонда мешавад.

3. Маййит касе аст, ки зинда бошад ва бимирад. Агар тифле мурда ба дунё ояд, ҳукми маййитро намегирад. Бинобар ин, бар ӯ намоз хонда намешавад.

4. Бадан ва кафани маййит бояд аз нағосати ҳақиқӣ ва ҳукмӣ пок бошанд. Вале агар нағосати ҳақиқӣ аз худи он берун ояд ва дур кардани он боиси ҳарағ гардад, бо ҳамон ҳол намоз бар вай ғоиз аст.

5. Агар мурда аз нағосати ҳукмӣ пок набошад, яъне онро ғусл ё таяммум надода бошанд, намоз бар вай ғоиз нест. Аммо дар сурате ки бе ғусл дафн шуда бошад, бар қабри вай намоз ғоиз аст. Агар бе ғусл ё таяммум бар вай намоз хонда, он гоҳ ӯро дафн карда бошанд, бояд дубора бар қабраш намоз хонда шавад, намози якум ғоиз нагардидааст.

6. Барои гузоштани мурда пок будани макон шарт нест. Агар замин ё тахта ва ё тобут нағосатолуд бошанд, ба гунае, ки кафан нағис намегардад, мурдаро бар вай гузошта, намоз хондан ғоиз аст.

7. Аврати маййит бояд пӯшида бошад. Агар маййит комилан бараҳна бошад, намоз ғоиз нест.

8. Мурдае ё тобуте, ки мурда бар он хобидааст, бояд дар вақти намоз ба замин гузошта шавад. Агар беузре бар сари дасти мардум ва ё дар болои мошин бошад, намоз ғоиз нест.

9. Дар намози ғаноза ду чиз фарз аст: 1) чаҳор бор такбир гуфтан, 2) қиём. Бе узр тарк кардани қиём ғоиз нест. Дар ин намоз рукӯъу суғуд ва қаъда вуғуд надорад. Се чизи дигар суннат аст: 1) санои ҳақро гуфтан – «Субҳонака-л-лоҳумма»-ро хондан 2) бар ҳазрати Муҳаммад (с) салавот фиристодан –дурудҳоро хондан, 3) барои маййит дуо кардан.[1]

[1] Ғайр аз умури зикршуда дар матн шартҳое ҳам барои намози ғаноза вуғуд доранд, ки баъзе аз онҳо шартҳои вуғуби он ҳастанд ва онҳо аз ҳамон шартҳои лозим дар бақияи намозҳо иборатанд ва баъзе аз онҳо шартҳои сиҳҳат – дуруст гардидани он мебошанд, ки аз: Ислом – мусулмон будан, покӣ – шуста шудан, дар пеши имом будан ва сатри аврати мурда иборатанд.

10. Дар хондани сано, дурудҳо, дуоҳо ва ғайра дар намози ҷаноза имом ва дигар намозгузорон ҳама баробаранд, яъне ҳама онҳоро мехонанд, танҳо фарқ дар ин аст, ки имом такбирҳо ва саломро баланд ва муқтадӣ онҳоро оҳиста – паст мегӯяд.[1]

11. Агар шумораи намозгузорон кам ҳам бошад, яъне ҳафт нафар бошанд, боз ҳам се саф бастанашон мустаҳаб аст, ба ин тариқ ки як нафар имом, се нафар саффи якум, ду нафар саффи дуюм ва як нафар саффи сеюмро ташкил диҳанд.[2]

12. Ҳар он чи муфсиди намоз аст, дар намози ҷаноза низ муфсид мебошад, ба ҷуз хандаи бо қаҳқаҳа, ки он дар намози ҷаноза вузӯро намешиканад ва агар зане низ дар баробари ӯ қарор гирад, яъне муҳозот сурат гирад, намозаш фосид намегардад, дар сурате ки хандаи бо қаҳқаҳа дар намози фарз вузӯро мешиканад ва баробарӣ – муҳозот дар он намози мардро фосид месозад.

13. Барои зиёд гардидани шумораи намозгузорон ба таъхир андохтани намози ҷаноза макрӯҳ аст, балки онро бояд ҳарчи тезтар ба хок супоранд.[3]

14. Бе узр нишаста хондани намози ҷаноза макрӯҳ аст.

15. Агар чанд ҷаноза бошад, ба ҳар яке ҷудогона намоз гузоридан беҳтар аст ва агар ҳама паҳлӯи ҳам гузошта шаванд ва бар ҳама як намоз хонда шавад, низ ҷоиз аст.

16. Агар мурдаҳо аз қишрҳои гуногун бошанд, аввал мардон, дуюм писарҳо, сеюм занон ва чаҳорум духтарҳо гузошта шавад.

17. Агар намозгузоре баъд аз он ки имом чанд такбирро гуфт, бирасад, фавран ба ҷамоат напайвандад, балки мунтазир бошад, вақте имом такбир гуфт, вай ҳам такбир гуфта, ба ҷамоат бипайвандад ва ҳамин ки имом салом дод, бақияи такбиротро бидуни он ки чизе бихонад, бигӯяд ва салом диҳад.

Аммо агар вақте расид, ки имом такбири чаҳорумро гуфтааст ва мехоҳад салом диҳад, фавран такбир гуфта, дохили ҷамоат гардад ва баъд аз салом додани имом фавран такбироти дарнаёфтаро бигӯяд ва салом диҳад, чандон таъхир нанамояд, ки мурдаро бардошта баранд.

18. Агар намозгузоре пеш аз саршавии намоз барои ширкат дар намоз омода буд, вале ба сабаби ғафлат ба намоз ҳамроҳ нагашт, ҳанӯз ки имом пас аз такбир машғули хондани *«Субҳонакаллоҳумма»* аст, фавран такбири аввалро бигӯяд ва ба намоз ҳамроҳ шавад ва ба шарте пеш аз такбири дуюмро гуфтани имом ба ҷамоат ҳамроҳ гашта бошад, иъодаи он (такбир) лозим нест.

19. Чаҳор такбир дар намози ҷаноза рукнҳо – фарзҳои он буда, ба манзалаи чаҳор ракъат дар намозҳои дорои рукӯъ ва саҷда ҳастанд. Агар яке аз онҳо тарк гардад, намоз дуруст намешавад ва бояд аз сар гузорида шавад. Агар имом такбири чаҳорумро ногуфта салом диҳад, намозгузорон бояд ӯро фатҳа диҳанд ва ҳанӯз ки амале мухолифи намоз накарда ва ё сухани дунявияе нагуфта бошад, баргардад ва такбири чаҳорумро бигӯяд ва салом диҳад. Агар имом барнагардад ва намозгузорон аз вай қатъи мутобиат намуда такбири чаҳорумро гӯянд, намозашон дуруст мешавад.

БАРДОШТАН ВА ДАФНИ МУРДА[4]

[1] Дар бораи паст ё баланд гуфтани имом саломро дар намози ҷаноза чизе дар зоҳири ривоят дар мазҳаб наомадааст ва танҳо дар ривояте аз Ҳасан ибни Зиёд (дар ғайри зоҳири ривоят) омадааст, ки имом саломро бо садои баланд намегӯяд, зеро он барои иълом аст ва дар ин ҷо ниёзе ба он вуҷуд надорад, чун он бефосила пас аз такбири чаҳорум аст. Лекин дар замони мо бар хилофи он амал мешавад ва имом саломро бо садои баланд мегӯяд (Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 51; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 130).

[2] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касеро бар вай се саф намоз гузорад, дар ҳақиқат, (раҳмати Худоро барои худ) воҷиб гардонидааст»*** (Сунани Абудовуд, 3166; Сунани Тирмизӣ, 1028; Сунани Ибни Моҷа, 1490). Молик ибни Ҳубайра, ровии ҳадис дар кадом ҷанозае адади намозгузоронро кам медид, онҳоро ба се саф ҷудо месохт.

[3] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Мурдаро ҳарчи тезтар ба хок супоред. Агар он солеҳ бошад, пас хайре аст, ки ӯро ба сӯи он мерасонед ва агар ғайри солеҳ бошад, пас шарре аст, ки онро аз гардани худ фурӯ мегузоред»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1315; Саҳеҳи Муслим, 2183 (944)-50; Сунани Абудовуд, 3181; Сунани Тирмизӣ, 1015; Сунани Насоӣ, 1909; Сунани Ибни Моҷа, 1477).

[4] **Дафн** (ар.: دفن – пинҳон кардан, зери хок кардан) истилоҳи фиқҳӣ ба хок супоридани мурда тибқи муқаррароти шаръ. Маросими дафн дар миёни ақвом, адён ва ҷавомеи гуногуни башарӣ аз қадимулайём тибқи расму ойини хоссе мутадовил буда, дар шариати ислом низ пас аз ғусл, такфин ва гузоридани намози ҷаноза бо расму одоби хоссе ба ҷой оварда мешавад. Дар манобеи мутақаддими фиқҳӣ ва ҳадисӣ аҳкоми марбут ба мурдагон дар мабҳас ва ё навиштае хоссе бо номи «Китобулҷаноиз» ва ё «Бобун фӣ аҳкомилҷаноиз» матраҳ мешуданд, дар матнҳои мутаах-

Суннат аст, ки ҷанозаро (тобут) чаҳор мард бардошта ба суръат, вале бидуни давидан ҳаракат кунанд.

Бардоштани ҷаноза ба ин тарз аст, ки бардоранда аввал тарафи пеши тобутро бар шонаи рости худ мениҳад, сипас даҳ қадам, ки роҳ рафт, ба тарафи ақиби тобут омада ва даҳ қадами дигар ба шонаи росташ, аз гӯшаи ақиб ҷанозаро бармедорад. Пас аз он ба тарафи пеши ҷаноза мегузарад ва ба шонаи чапи худ даҳ қадам роҳ меравад, баъд ба ақиб мегузарад ва даҳ қадам бо шонаи чапаш ҷанозаро мебардорад ва ҳамин тавр дигарон ҳам мебардоранд.

Беҳтар аст, ки мардум аз қафои тобут роҳ бираванд. Вақте ба қабристон расиданд, аввал тобутро ба замин гузошта, баъд аз он мардум бинишинанд ва нишастан пеш аз гузоштани тобут макрӯҳ аст.

Қабр ба андозаи нисфи қомат канда мешавад ва дар он лаҳад сохта мешавад, вале беҳтар аст бештар аз нисфи қомат то ба андозаи қомат канда шавад.

Тариқаи дафн ба расми шаръ ин аст, ки мурдаро аз тарафи қибла дохили қабр мекунанд ва ба вақти гузоридан дар ҳуфраи қабр ё дар лаҳад мегӯянд: «Бисмиллоҳи ва ало миллати расулиллоҳ (с)» ва ё «Бисмиллоҳи ва ало суннати расулиллоҳ».[1] Бисёре аз матнҳои фиқҳӣ калимаҳои «вазаънока» ва «салламнока»: «Ба номи Худо туро дар хок ниҳодем ва бар миллат ва ё суннати расули Худо (с) таслим намудем»-ро бар лафзи ҳадис афзудаанд, ки шарҳи маънои он ба шумор мераванд. Сипас мурдаро ба паҳлӯи рост хобонида, рӯяшро ба сӯи қибла мегардонанд ва гиреҳҳоро аз кафанаш мекушоянд. Он гоҳ хиштҳоро дар лаҳад баробар чида, болояш хок мерезанд ва қаброро ба қадри як вақаб ба монанди кӯҳони шутур дуруст мекунанд. Ҳангоми дафни зан бар қабраш парда кашида мешавад.

Пас аз анҷоми дафн миқдоре бар сари қабр истода, барои фавтида дуо кардан мустаҳаб аст. Аз Усмон ибни Аффон (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) вақте аз дафни мурдае фориғ мешуд, бар сари қабраш истода, мегуфт**:** ***«Барои бародаратон омурзиш ва пойдорӣ бихоҳед, ки вай ҳозир пурсида мешавад»***.[2]

Истеъмоли хишти пухта ва чӯб дар лаҳад макрӯҳ аст, вале истеъмоли най мушкиле надорад.

Агар маййит бачаи хурд бошад, даст ба даст бурдани он мустаҳаб аст.

Дар вақти рехтани хок аз тарафи сар шурӯъ намудан мустаҳаб аст, ҳамчунин мустаҳаб аст, ки мардум бо дастҳояшон хок бардошта, бирезанд. Дар марҳалаи аввали рехтани хок **«минҳо халақнокум»**, дар навбати дуюм **«ва фиҳо нуъидукум»** ва дар охир **«ва минҳо нухриҷукум торатан ухро»** бигӯянд.[3]

хиртари фиқҳӣ бахше аз китоби «Таҳорат» ва фасле аз китоби «Салот» (Намоз) ба аҳкоми мурдагон ихтисос ёфта, дар он аҳкоми давраи эҳтизор – бемории пеш аз марг ва пас аз он, аз қабили ғусл, таҳнит – хушбӯ кардани узвҳои сачда, такфин, гузоридани намози ҷаноза ва дафн баён гардидааст.

Маросими дафн аз ҷиҳати фиқҳӣ бо гузоштани мурда дар ҳуфра ва ё лаҳади қабр оғоз ва бо пӯшонидани болои он бо хок, харпушт намудани миёнаи қабр, гоҳе ба тариқи истеҳбоб пошидани об бар болояш ва хондани дуои сабот ва пойдорӣ барои мутаваффо ба поён мерасад. Агар дар васати қабр ниҳода шавад, аз рӯи истеҳбоб ба паҳлу ва канори китфонаш аз пушт каме хок рехта мешавад, то мурда ба пушт наафтад. Баъзе ақвоми мусулмон, ба монанди туркон, кунҷи ақиби қаброро хамида мекананд ва мурдаро дар такяи девораи ақиби он мегузоранд.

Ба ҷой овардани эҳтиром ба ҷасади мурдаи одамӣ, ниҳон кардани он аз чашми мардум, эмин доштани он аз тааррузи душманон ва аз шарри ҳайвоноти лошахор, пешгирӣ аз идомаи ғаму андӯҳи наздикон ва дӯстон ва ҷилавгирӣ аз интишори бӯи бад ва роиҳаи нохуши ҷасади вай пас аз пӯсидан ва вайрон шудан аз ҷумлаи ҳикматҳои шаръии дафни мурдагон аст. Аз ин хотир, дини ислом ба пайравонаш супориш дода, ки вақте ҷасади одамӣ, кофир ҳам, ки бошад, бесоҳиб ва дафнношуда бокӣ монад, онро ба риояи каромати инсонӣ дар порчае печида, дафн намоянд.

Одам (а) ва ҳамсараш Ҳавво пас аз фуруд омадан аз биҳишт ва сукунат дар замин ва ҳатто пас аз афзоиши насли онҳо суннат ва тариқаи дафни мурдагонро намедонистанд ва бино ба фармудаи Қуръон, он бори аввал ба василаи зоғе ба онҳо омӯхта шуд ва аввалин касе аз фарзандони Одам (а), ки дар замин дафн гардид, Ҳобил буд. Пас аз пазируфта шудани қурбонии вай аз сӯи Худо бародараш Қобил ӯро ба душманӣ гирифт ва дар саҳрое ба қатл расонд ва ҷасадашро бо роҳнамоии зоғе ба зери хок дафн намуд (Моида, 5: 27–31).

[1] Сунани Абудовуд, 3213; Сунани Тирмизӣ, 1046; Сунани Ибни Моҷа, 1550.

[2] Сунани Абудовуд, 3221.

[3] Ин ибораҳо ояти 55-уми сураи «Тоҳо» ҳастанд, ки Худованд дар он саргаҳи пайдоиш, хокгоҳ ва сарнавишти ухравии инсонро баён намудааст: **«Шуморо аз хок офарида ва (боз) ба (бистари) хок бармегардонем ва бори дигар аз он берун меоварем»**.

Ба рӯи хоки қабр пошидани об мустаҳаб аст. зеро ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бар қабри фарзандаш Иброҳим об пошид.[1]

Ҳеҷ мурдаеро набояд дар хона ё бинои махсус дафн намоянд, зеро ин хоссаи паёмбарон аст.

Чаҳоркунҷа кардани қабр макрӯҳ аст, балки мустаҳаб он аст, ки ба сурати кӯҳони шутур ва ба андозаи як вақаб (тақрибан бист сантиметр) баланд карда шавад. Аз ин баландтар бардоштани қабр макрӯҳи таҳримӣ мебошад.

Пас аз дафн ба қасди зинату ороиш бар рӯи қабр сохтани иморат ва гунбад ҳаром аст ва ба унвони ҳифозат макрӯҳ мебошад,[2] балки бояд ба ҳамон ҳоле ки қаблан буда, гузошта шавад.

Буридани дарахтон, кандани растаниҳо ва чидани гиёҳони сабзи гӯристон макрӯҳ аст, зеро онҳо барои Худо тасбеҳ мегӯянд ва ин амр мӯҷиби нузули раҳмати Парвардигор барои аҳли он гӯристон мегардад. Вале истифода аз чӯбу ҳезум ва гиёҳони хушкидаи он, ба шарте қабрҳо зери по нашаванд, боке надорад.

Гузоштани шохча ва ё навдаи сабзе бар сари қабр аз назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ хуб аст, зеро дар ривояти саҳеҳ омадааст, ки Расули Худо (с) бар ду қабре гузар кард ва фармуд: соҳибони онҳо дар азобанд… ва шохчаи сабзи хурмоеро ду пора карда бар сари ҳар қабре яке аз онро халонд[3] ва фармуд: ***«Шояд то хушк нагаштаанд, аз онҳо тахфиф шавад»*** ва ба ривояти Бухорӣ Бурайда ибни Ҳасиб (рз) васият карда, ки пас аз маргаш ду шохчаи сабзро бар қабраш гузоранд.[4]

ҚИРОАТИ ҚУРЪОН БАР САРИ ҚАБР

Дар бораи қироати Қуръон бар сари қабр пас аз дафни мурда ва ё дар аснои зиёрати гӯристон дар назди ҷумҳури аҳли суннат ва ҳамин тавр дар назди пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ ду қавл ва нуқтаи назар вуҷуд дорад. Аз назари худи имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Молик (рҳ) қироати Қуръон бар сари қабр – дар гӯристон макрӯҳи таҳримӣ аст, зеро аҷсоди онҳо ба ақидаи ӯ лоша ҳастанд ва дар ин бора дар назди вай ривояти саҳеҳе аз Расули Худо (с) собит нашудааст. Вале дар назди имом Муҳаммад (рҳ) он ҷоиз ва хуб аст. Ҷумҳури уламои мазҳаб мавқеи имом Муҳаммад (рҳ)-ро дар ин масъала таъйид ва дар мазҳаб ба қавли ӯ фатво додаанд.[5] Дар бораи ҷоиз будани қироати Қуръон бар сари қабр аз саҳобаи киром ва тобеин ба таври марфуъ ва мавқуф ривоёти саҳеҳ ва осори зиёде собит шудааст. Аз ҷумла аз Ибни Умар (рз) ривоят шуда, ки *«тиловати ибтидо ва хотимаи сураи Бақарароро бар сари қабр ҷоиз ва хуб медонист»*.[6]

Назари машоихи шофеъӣ ва ҳанбалӣ низ дар умум ба мисли бузургони ҳанафӣ бо истинод бар асари фавқ бар истеҳбоби қироати Қуръон бар сари қабр аст ва назари мутааххирини моликӣ низ бар ҷавози он аст.[7]

---

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 2. – С. 467. Ҳадисро имом Шофеъӣ ривоят карда ва Ибни Ҳаҷар дар Талхису-л-ҳабир онро мурсал ва ровиёнашро сиқа гуфтааст.

[2] Бар асоси масоили зоҳири ривоят дар мазҳаб ва ба қавли ҷумҳури фуқаҳои мазҳаб, бино кардан – сохтани иморат, гунбад ва ғ. бар болои қабр макрӯҳ аст ва калимаи макрӯҳ, вақте мутлақ оварда шавад, манзур аз он таҳримӣ аст. Дар Бадоеъу-с-саноеъ овардааст: Таҷсис ва татйин – гачкорӣ ва андова кардани қабр макрӯҳ аст. Абуҳанифа (рҳ) бино кардан бар қабр ва аломат гузоштан бар онро макрӯҳ донистааст ва Абуюсуф (рҳ) китобат бар онро макрӯҳ гуфтааст, (чуноне) Кархӣ онро зикр кардааст. Зеро аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Қабрҳоро гачкорӣ накунед, бар онҳо бино насозед, бар рӯи онҳо нанишинед ва бар онҳо китобат накунед!»*** (Саҳеҳи Муслим, 2242 (970)-94) ва чун ки он аз боби зинат ва ороиш аст ва маййит ба он ниёзе надорад ва низ он беҳуда зоеъ сохтани мол аст, бинобар ин, макрӯҳ аст (Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 2. – С. 359). Дар ал-Баҳру-р-роиқ (Ҷ. 2. – С. 306), Табйинулҳақоиқ (Ҷ. 1. – С. 587), Ихтисору-р-ривоя, шарҳу Мухтасарулвиқоя (Ҷ. 1. – С. 220) ва мутуни дигари фиқҳӣ низ ин қавл зикр шудааст.

Аммо он гунбадҳо ва мақбараҳое, ки баъзан ба сурати меъморихои бошукӯҳе болои қабрҳои баъзе бузургони дин ё амирон ва ҳокимон дар ҷаҳони ислом пас аз асрҳои нахустини он бино гардида, ростӣ, намедонам, ки ба далеле аз нусуси шаръ истинод дорад ва ҳанӯз барои ман равшан нагашта ё бар пояи расм ва урфи фарҳангҳои миллии ақвоми мусулмон ба амал омадааст ва Худо беҳтар донад.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 216, 218,1378, 6052, 6055; Саҳеҳи Муслим, 675 (292)-111.

Ҳукми ин ҳадисро баъзе пешвоёни ислом ва асҳоби мактабҳои фиқҳӣ ба расули Худо (с) хос медонанд, ки барои каси дигаре ҷоиз нест.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1361.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммади Таҳтовӣ, Ҳошияту-т-Таҳтовӣ ъало Мароқи-л-фалоҳ. – С. 621. Бейрут, 1997.

[6] Сунани Куброи Байҳақӣ. 7167. – Ҷ. 5. – С. 404.

[7] Дар кишвари мо ва баъзе кишварҳои дигари Осиёи Миёна пас аз пӯшонидани болои қабр бо хок одатан су-

Аммо дуо, мавъиза ва нишастан дар канори қабр барои шунидани он бе ҳеҷ гуна хилофе ҷоиз аст. Бухорӣ дар китоби Саҳеҳ бобе (82) бо номи: «Мавъизаи муҳаддис дар назди қабр ва нишастани ёронаш перомуни ӯ» боз карда, дар таъйиди он ҳадисеро аз Расули Худо (с) ривоят кардааст.

Пеш аз ғусли мурда дар назди вай қироат кардани Қуръон макрӯҳ аст, магар ин ки ҷасадаш бо чодар ва ё чизе пӯшонида шуда бошад ва ё қорӣ аз вай дур бошад. Аммо пас аз шустанаш хондани Қуръон бар сари вай хуб ва аз дигар амалҳо афзал аст.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҶАНОЗА

1. Агар дар қабр ба фаромӯшӣ рӯи мурдаро ба тарафи қибла нагардониданд ва баъд ба ёдашон омад, дар сурате ки хок рехта шуда ва ё лаҳад баста гардидааст, дигар боз кардани он ҷоиз нест.

2. Рафтани занони навҳагар ҳамроҳи ҷаноза ҳаром ва мамнӯъ аст.

3. Агар имом аз чаҳор такбир бештар бигӯяд, муқтадӣ ба имом пайравӣ нанамояд.

4. Агар шахсе дар киштӣ ва дур аз бандаргоҳ ва хушкӣ вафот кунад, дар сурате ки мумкин аст ҷасади мурда бадбӯй ва вайрон гардад, онро пас аз шустан, кафан кардан ва намоз гузоридан ба об афкананд, вале агар хавфи бадбӯй ва вайрон гаштани он вуҷуд надошта бошад ё ба василаи сардхонаи киштӣ мешавад онро нигаҳдорӣ намуд, ба баҳр пантофтани мурда ҷоиз нест.

5. Агар намозгузоре дуои намози ҷаноза аз ёд надонад, хондани *«Аллоҳумма-ғфир ли-л-муъминина ва-л-муъминот»* кифоя бошад ва агар ин дуоро ҳам надонад, гуфтани танҳо чаҳор такбир кифоят менамояд.

6. Баъд аз дафн дубора бе узре берун овардани мурда аз қабр ҷоиз нест.

7. Агар зане даргузашт ва тифл дар шикамаш ҳанӯз зинда бошад, дарҳол паҳлӯи онро шикофта (чок карда), тифлро берун ованд. Ҳамчунин, агар пешопеши марг моли касеро, аз қабили тило, нуқра ва ғ. бихӯрад ва ба ҳамон ҳол бимирад, агар яқин бошад, ки мол дар шикамаш мавҷуд аст, шикамашро чок карда, моли ғайрро берун ованд.

8. Таъриф ва ситоиши маййит бо шеър ва сухан то ҷое, ки дар он муболиға набошад, ҷоиз аст.

9. Таслият додани хешону наздикони маййит, изҳори ҳамдардӣ бо онҳо, ба гӯши онҳо расонидани фазоил ва савоби сабр, тарғиб намудани онҳо ба сабру шикебоӣ ва низ дуо барои маййит ҷоиз аст. Инро таъзия мегӯянд. Таъзия гуфтан беш аз се рӯз макрӯҳ аст. Танҳо дар сурате ки яке аз наздикони маййит дар сафар бошад, пас аз баргаштани вай, ҳарчанд аз се рӯз хеле гузашта бошад ҳам, таъзия баён кардан ҷоиз аст.

10. Омода намудани кафан барои худ пеш аз марг ишколе надорад, вале омода сохтани қабр макрӯҳ аст.

11. Асл ин аст, ки дар як қабр беш аз як тан мурда гӯронида нашавад, зеро паёмбар (с) дар як қабр як мурдаро мегӯронд ва феъли саҳоба ва наслҳои пас аз эшон бар он мустадом буда ва хилофи он назди машоихи ҳанафӣ, моликӣ ва баъзе шофеъиён макрӯҳ бошад ва назди ҳанбалиён ва баъзе шофеъиён ҳаром. Магар ба вақти зарурат, ки гӯронидани чанд тан дар як қабр ҷоиз аст. Дар хабар аст, ки рӯзи Уҳуд ба

раи «Мулк – Таборак»-ро мехонанд. Қироатро бо тиловати сураи «Фотиҳа» оғоз ва пас аз хатми сураи «Мулк» бо қироати сураҳои «Ихлос» ва «Муъаввизатайн» ба поён мебаранд. Шояд бузургони дин барои ихтисос ва баёни аҳаммияти қироати сураи «Мулк» бар сари қабр пас аз анҷоми дафн ба ҳадисе, ки аз Ибни Масъуд (рз) ривоят шуда, истинод кардаанд. Вай мегӯяд, расули Худо (с) фармуд: ***«Сураи «Таборак» аз азоби қабр монеа – боздоранда аст»*** (Абушайх. Табақоту-л-асбаҳонииййин, 264. Ҳадис саҳеҳ аст). Монеа, аз ин ҷиҳат, яке аз номҳои сураи Мулк аст. Расули Худо (с) дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Сурае аз Қуръон, ки сӣ оят аст, барои марде шафоат кард, то барояш мағфират карда шуд ва он «Таборака-л-лазӣ биядиҳи-л-мулку» аст»*** (Сунани Тирмизӣ, 2891. Ҳадиси ҳасан аст). Ҷобир (рз) дар ҳадиси марфуъе ривоят мекунад, ки паёмбар (с) то сураи «Алиф, лом, мим, танзил» (сураи Саҷда) ва «Таборака-л-лазӣ биядиҳи-л-мулк»-ро қироат намекард, намехуфт (Сунани Тирмизӣ, 2892. Ҳадиси саҳеҳ аст).

Пас вақте бандаи муъмин сураи «Мулк»-ро дар замони ҳаёташ тиловат ва дар синааш ҳифз кунад, рӯзи қиёмат ба шафоати соҳибаш бархезад ва аз Худо бихоҳад, ки ӯро аз оташ наҷот диҳад ва дар қабр низ ба назди соҳибаш ҳозир ва аз Худо бихоҳад, ки ӯро аз фитна ва азоби қабр нигаҳ дорад. Тиловати он бар сари қабр низ ба ин умед анҷом мегирад, ки Худои таъоло бандаи тоза дафншударо ба шарофати он аз азоби қабр нигаҳ дорад ё онро барояш осон гардонад.

паёмбар (с) шикоят бурданд, ки кандани қабр барои ҳар мурдае бо ин ҷароҳот бар мо сахт бошад, он ҳазрат (с) фармуд: ***«Биканед ва онро васеъ, амиқ ва хуб созед ва дар як қабр ду ва се танро дафн намоед ва касе аз онҳоро, ки Қуръон бештар медонист, пеш гузоред!»***.[1] Агар ҳамаи даргузаштагон аз боби зарурат дар як қабри умумӣ дафн шаванд, миёни онҳо бо хок марза ва аз ҳам ҷудо сохта шавад, агар ҳама мард бошанд, аввал донишмандону бузургон ва аз пушти онҳо дигарон гузошта шаванд. Агар марду зан бо ҳам бошанд, аввал мардон ва аз пушти онҳо занон гузошта шаванд ва агар ҳама аз як хонадон бошанд, падар пеш аз писар ва модар пеш аз духтар гузошта шаванд.

12. Фуқаҳои мазоҳиб иттифоқи назар доранд, ки дафн кардани мусулмон дар гӯристони кофирон ва ҳамин тавр акси он ҳаром аст, зеро он ҷои нузули азоб аст, магар ба вақти зарурат ва ҳатто гӯронидан дар макони дигаре ғайр аз гӯристони аз байнрафтаи кофирон ҷиҳати дуртар будан аз амокини азоб, агар имкон бошад, авлотар аст.

Яке аз суннатҳои роиҷи ислом он аст, ки гӯристонҳо дар роҳи Худо ва ба таври маҷонӣ дар ихтиёри мусулмонон бошанд. Агар шахсе замини хусусии худро барои гӯристон вақф намояд, аз назари фиқҳи исломӣ ҷиҳати таъйиннамудаи воқиф дар вақфаш бояд ба эътибор гирифта шавад. Харид ва тахсиси замине барои гӯристон низ ҷоиз аст.

ҲУКМИ НАМОЗИ ҶАНОЗА ДАР МАСҶИД

Ба масҷиди ҷомеъ ва ё масҷиди маҳалла – панҷвақта даровардани мурда ва ҳамин тавр дар он ҷаноза кардани вай назди бузургони ҳанафӣ макрӯҳи таҳримӣ ва ба гуфтаи Ибни Ҳумом дар «Фатҳ» (Ҷ. 5. – С. 132-134) ва тарҷеҳи Ибни Обидин дар «Радд» (Ҷ. 3. – С. 152) макрӯҳи танзеҳӣ – хилофи авло аст ва назди машоихи моликӣ макрӯҳи мутлақ аст ва назди пешвоёни шофеъӣ ва ҳанбалӣ ҷоиз аст.[2]

Дар гузашта яке аз суннатҳои ислом ин буда, ки дар канори масоҷид ва дар мавзеъҳои хоссе аз шаҳру деҳот ҷойҳои муайянеро бо номи ҷанозагоҳ (мусалла-л-ҷаноиз) барои баргузории намози ҷаноза тадорук дида буданд ва ҷуз дар ҳолатҳои зарурат ва вуҷуди узрҳо, ба монанди борон, вуҷуди шахсияти муҳимме дар дохили масҷид дар ҳоли эътикоф ва ғ. мурдагонро дар масҷид ҷаноза намекардаанд. Аз ҷумла дар замони расули Худо (с) дар канори масҷиди паёмбар (с) аз шарқ дар пушти ҳуҷраи Оиша (рз) ҷое бо номи мусаллалҷаноиз вуҷуд дошт, ки мурдагонро дар он ҷо ҷаноза мекарданд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) ҳатто вақте бар Наҷошӣ – подшоҳи Ҳабаша намози ҷанозаи ғоиб гузорид, ба он мавзеъ баромад.[3]

Аз ин фароянди динӣ ва бо истинод ба ҳадиси ҳасане, ки дар Сунани Абудовуд (3191) ва дигар матнҳои ҳадисӣ дар ин бора ривоят шуда: ***«Касе бар мурдае дар масҷид намоз гузорад, барояш намоз ва дар ривояте чизе нест»***, аиммаи ҳанафӣ ва моликӣ онро макрӯҳ донистаанд. Вале аз он ҷо ки ҳадиси мазкур мухталафун фиҳ ва назди баъзе коршиносони соҳа заъиф аст, намози ҷаноза дар масҷид назди аиммаи ҳанбалӣ мубоҳ – ҷоиз ва назди пешвоёни шофеъӣ мандуб аст, зеро савоби зикру дуо дар он бештар аст. Ривоят шуда, ки вақте Саъд ибни Абуваққос вафот кард, Оиша (рз) ва дар ривояте ҳамсарони паёмбар (с) фармуд(анд), ки ҷанозаи ӯро ба масҷид даровараанд, то бар вай намоз гузора(н)д. Ӯро ба масҷид даровардаанд ва дар пеши ҳуҷраҳои ҳамсарони он ҳаз-

[1] Сунани Тирмизӣ, 213; Сунани Насоӣ, 2010, 2011, 2015–2018.

[2] Ин кароҳияти таҳримӣ ва ё танзеҳӣ бино бар тасреҳи матнҳои фиқҳӣ вақте аст, ки масҷидҳо аз сӯи боиён ва вақфкунандагон танҳо барои баргузории намозҳо (фарзу нафл), зикру дуо ва тадриси илм ихтисос наёфта бошанд, аммо вақте баргузории намози ҷаноза низ манзури бониёни он буда ва хавфи талвис олуда ва нопок сохтани он вуҷуд надошта бошад, пас ҳеҷ гуна кароҳияте дар он нест. Ба гуфтаи Ибни Обидин ин кароҳият ҳамчунин вақтест, ки узр (ва зарурате), ба монанди борон ва вуҷуди шахси муҳимме, чун валии мурда ва ғ. дар дохили масҷид дар ҳоли эътикоф вуҷуд надошта бошад. Пас оё гуфта мешавад, ки одате, ки дар сарзаминҳои мо бар гузоридани намози ҷаноза дар масҷид роиҷ гардида, аз ҷумлаи ин узрҳо ва заруратҳост, ба хусус вақте ки ҷойҳои пешбинишуда барои ин кор аз байн рафта ва ҷои дигаре барои он вуҷуд надорад. Агар ин ҳолат узр ба шумор равад, пас он ҳеҷ гуна кароҳияте надорад (Радду-л-муҳтор**.** – Ҷ. 3. – С. 150-152).

[3] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1245, 1328, 1333 аз Абуҳурайра ривоят шудааст.

рат нигоҳ доштанд, то онҳо бар вай намоз гузориданд, он гоҳ аз дари ҷаноиз берун бурданд. Мардум ин корро бар вай (онҳо) инкор карданд – айб гирифтанд ва гуфтанд, ки ҷанозаҳо (пеш аз ин) ба масҷид дароварда намешуданд. Вақте ин хабар ба Оиша расид, гуфт: Мардум чӣ зуд фаромӯш кардаанд ва бар мо кореро айб гирифтаанд, ки дар бораи он илме надоранд! Расули Худо (с) бар фарзандони Байзо Суҳайл ва бародараш намоз нагузорид, магар дар масҷид.[1] Ҳамчунин ривоят шуда, ки бар Абубакр (рз) ва Умар (рз) низ дар масҷид намоз гузориданд.[2]

Чӣ тавре мебинем, ҳатто аз аҳодиси исбот собит мешавад, ки ҷаноза кардан бар мурдагон дар масҷид дар замони расули Худо (с) ва хулафои рошид суннати мустамир ва равандӣ доимӣ набуда ва он аз рӯи зарурат ва дар мавридҳои хоссе сурат гирифтааст ва назари пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ низ ҳамин аст, ки он дар зарурат ва ба ҳангоми узр ҷоиз аст, вале дар тамоми вақтҳо ва ба таври мустамир карoҳият дорад.

Гузоридани намози ҷаноза дар ҳавлӣ дуруст аст, вале дар роҳҳои омма, кӯчаҳои бузург (хиёбонҳо) ва замини дигарон ҷоиз нест. Ҳамчунин назди аиммаи ҳанафӣ ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) гузоридани намози ҷаноза дар гӯристон ҷоиз аст. Зеро расули Худо (с) бар қабре намоз гузорид[3] ва ривоят шуда, ки бар Оиша (рз) ва Уммисалама (рз) дар гӯристони Бақеъ дар миёни қабрҳо намоз гузориданд, ки бар Оиша (рз) Абуҳурайра намоз кард ва Ибни Умар низ дар он ҳузур дошт.[4]

Шоёни зикр аст, ки Масҷидулҳаром аз ин ҳукм мустасно аст ва назди тамоми аимма дар он ба ҷой овардани ҳама гуна ибодатҳо ва қурбатҳо, аз ҷумла даровардани мурдагон ба он ва гузоридани намози ҷаноза дар он ҷоиз аст.

[1] Саҳеҳи Муслим, 2249-51 (973)-99-101. Суҳайл писари Даъд буд ва Байзо номи модараш аст.

[2] Асари Абубакр (рз) дар Мусаннафи Абдурраззоқ (6580/3/225) бо санади хуб ривоят карда шуда ва асари Умар (рз)-ро имом Молик дар Муваттаъ (23/1/230) аз Ибни Умар ва Абдурраззоқ дар Мусаннаф (6579/3/225) бо санади саҳеҳ ривоят кардаанд.

[3] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 458, 1326, 1337 ва Саҳеҳи Муслим, 2212 (956)-71 дар ин бора ривоят шудааст.

[4] Сунани Куброи Байҳақӣ, 7161. - Ҷ. 4. – С. 31; Мустадраки Ҳоким. 6716. - Ҷ. 7. – С. 6.

АҲКОМИ ШАҲИД[5]

Шаҳид дар истилоҳ бандаи мусулмонест, ки дар набард бо кофирон ба шаҳодат расида ё дар майдони ҷанг маҷрӯҳ гардида, сипас ба сабаби ҳамон ҷароҳат ҷон додааст ва ё ин ки ба ноҳақ кушта шуда ва ба кушта шуданаш дия (хунбаҳо) воҷиб нагардидааст, ҳарчанд ба дасти мусулмонон кушта шуда бошад.

Тариқи дафн кардани шаҳид ба ин шакл аст, ки ҷасади ӯ шуста намешавад, либосашро ҳам намекашанд, магар пӯстин, мӯза, силоҳ ва ҳамчунин либосҳои пиназадаашро (кӯҳна, фарсуда), агар дар тан дошта бошад, мебароранд ва баъд кафан намуда, барояш ҷаноза мехонанд ва сипас дафнаш мекунанд.

Ҷасадҳои шаҳидони зерин шуста мешаванд:

1. Касе, ки ӯро дар ҳоли маҷрӯҳӣ, вале зинда биёбанд ва пас аз он ҷон бисупорад ва кушандааш маълум набошад.

2. Касе, ки дар майдони набард маҷрӯҳ шуда, сипас ӯро муолиҷа намоянд ва ё ин ки чизе бихӯрад ё биёшомад ва пас аз он ҷон бисупорад.

3. Касе, ки дар майдони набард маҷрӯҳ шуда, сипас ӯро аз майдони ҷанг зинда берун ованд ва баъд аз он ҷон бисупорад.

4. Касе, ки дар майдони набард захмӣ шуда, ҳамчунон ҳушёр боқӣ бимонад, то муддати вақти як намоз бар ӯ бигзарад, он гоҳ ҷон диҳад.

ШАҲИД БАР СЕ ҚИСМ АСТ

Шаҳид дар истилоҳи фиқҳӣ ба эътибори тааллуқи аҳкоми дунё ва охират ба ду даста ҷудо мешавад, шаҳиди дунё ва охират ва он шаҳиди комил мебошад, ки аз сӯи шаръ барои такфин ва дафни вай аҳкоми хоссе пешбинӣ шуда, шаҳиди охират, ки аҳкоми дунявии пешбини-

[5] Шаҳид аз решаи «шуҳуд» ба маънои ҳузур ё аз решаи «шаҳодат» ба маънои ҳузур ҳамроҳ бо мушоҳида ба чашм ё басират бархоста, сипас ба касе, ки дар роҳи Худо кушта мешавад, итлоқ гардидааст ё барои он ки фариштагон бар вай нозил мегарданд ва дар ҷанозааш ҳузур меёбанд ё ба он чиҳат, ки рӯҳаш назди Ҳақ таъоло ҳозир мегардад. Он ба маънои аввал исми мафъул ва ба маънои дуюм исми фоил аст.

шуда барои шаҳиди комил ба вай тааллуқ намегиранд ва шаҳиди дунё, ки аҳкоми дунявии шаҳид дар ҳаққаш риоя мешаванд, вале дар охират ҳеҷ баҳрае насибаш намегардад.

1. Шаҳиди комил: Шаҳодати комил вақте таҳаққуқ меёбад, ки дар шахси кушташуда шаш шарти зерин вуҷуд дошта бошад:

а) Ақл, б) булуғ, в) кушта шудани ба ноҳақ, г) куштане, ки дар ивази он моле воҷиб нагардад д) пок будан аз ҷанобат ва ҳайзу нифос, ж) адами иртисос[1] ва мусулмон будан асоси он мебошад.

Агар шахси ба шаҳодат расида дорои шартҳои боло бошад, ба вай шаҳиди комил (аъло) ва ё шаҳиди дунё ва охират гуфта мешавад. Яъне дар дунё аҳкоми хоссе ба вай тааллуқ мегирад ва бо риояи муқаррароти махсусе ба хок супорида мешавад.

Аҳкоми дунявии ин навъ шаҳид он аст, ки ҳар чизе аз либосҳояш, ки салоҳияти кафониро надошта бошанд, аз танаш бароварда мешаванд, ба монанди пӯстин, кулоҳ, мӯза, силоҳ ва ғайра. Вале агар либоси дигаре ба ҷуз пӯстин ва болопӯш надошта бошад, онҳоро берун намекунанд. Дар сурате ки либосҳояш аз миқдори кафани суннатӣ, яъне аз се даст кам бошанд, чизе ба онҳо илова мешавад ва агар аз он (кафани суннатӣ) зиёд бошанд, аз онҳо кам карда мешавад. Аммо тамоми либосҳояшро берун овардан ва бо порчаи нав кафан кардани вай макрӯҳ мебошад.

Бар ин навъ шаҳид намози ҷаноза хонда мешавад ва ношуста бо ҳамон хуну халаф ва либосҳояш ба хок супорида мешавад. Ин аҳкоми дунявӣ барои ҳамин гурӯҳ аз шаҳидони роҳи Худо хос мебошад. Паёмбари Худо (с) дар бораи шаҳидони ҷанги Уҳуд фармудааст: ***«Онҳоро бо ҳамон захмҳо ва хунҳояшон дафн намоед»***.[2]

Фарқе намекунад, ки он шахс дар майдони ҷанг ва дар ҳолати задухӯрд ба ҳалокат расида бошад, ё аз дасти ёғиёни саркаш, роҳзанон ва дуздони шабгард кушта шуда бошад, ҳатто агар дар вақти дифоъ аз ҷону мол, аҳлу аёл ва обрӯи худ ба шаҳодат расида бошад.

2. Шаҳиди охират шахсест, ки ба монанди шаҳидони навъи аввал ба шаҳодат расидааст, вале яке аз шартҳои зикршуда барои ӯ фароҳам нагардидааст. Ин табақаи шаҳидон низ аз тамоми имтиёзҳо ва неъматҳое, ки Худованд барои шаҳидон дар охират ваъда додааст, бархӯрдор мебошанд, вале аҳкоми дунявие, ки ба гурӯҳи аввали шаҳидон ихтисос доштанд, ба шаҳидони охират тааллуқ намегиранд. Яъне онҳо бар асоси муқаррароти дигаре, ки барои умуми фавтидагони мусулмон анҷом дода мешаванд, дафн мегарданд. Яъне ба мисли дигар фавтидагон шуста ва кафан карда мешавад ва пас аз намози ҷаноза ба хок супорида мешавад.

а) Шахси ба шаҳодатрасида, агар шарти ақл барои ӯ фароҳам нагардида бошад, яъне девона ва ноқисулақл ба воя расида бошад, ё шарти балоғат барояш фароҳам нагардида бошад, яъне кӯдак ва хурдсол бошад, ё шарти покӣ барояш фароҳам набошад, яъне дар ҳолати ҷанобат ва ё ҳайзу нифос бошад, ё шарти ба ноҳақ кушта шудан барояш фароҳам набошад, яъне дар натиҷаи афтиши девор ба рӯяш ё ғарқ шудан дар об ё сӯхтан дар оташ ва ё ҳодисаҳои нохуши дигар бимирад ва ё ба ҳақ дар иваз (қасос)-и касе ва ё дар асоси ҳадди шаръие кушта шавад, ё дар ивази кушта шуданаш мол ва хунбаҳо воҷиб гардад, на қисос, ба монанди қатли ба хато ва ё шибҳи амдӣ ва ё дар кушта шуданаш иртисос ба вуҷуд ояд, дар тамоми ин суратҳо шаҳиди охират мегардад.

Иртисос ин ҳамон гузаштани муддатест, ки дар миёни зарба хӯрдани шахси ба шаҳодат расида ва ҷон супоридани ӯ ҷудоӣ ва дерӣ меандозад, яъне пайвастан ба Ҳақро пас аз хӯрдани зарба каме кӯҳнатар ва дертар месозад. Фосилаи кам зараре надорад.

Адами иртисос ва «лам яртасс» будани шаҳид, кӯҳна нашудан ва ба сурати тару тоза ва бо ҳамон зарба ба ҳақ пайвастани ӯст. Чун гулҳои шаҳодат бо ҳамон тароват ва тозагие, ки чида мешаванд, ба хирмани Ҳақ фиристода шаванд, онро адами иртисос (кӯҳна нашудан) мегӯянд, ки яке аз шартҳои шаҳодати комил ба шумор меравад.

Баҳраманд гардидани шахси зарбахӯрда бо

---

[1] Иртисос ба маънои кӯҳна намудан ва гузаронидани фурсате мебошад ва бо сиғаи маҷҳул дар бораи шахсе ба кор меравад, ки пас аз захм хӯрдан аз майдони ҷанг зинда берун бурда шавад. Адами иртисос ба маънои наёфтани чунин фурсате мебошад, яъне пас аз захм хӯрдан бевосита ба шаҳодат расидан.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1346.

чизе аз баҳраҳо ва хидматрасониҳои зиндагӣ, ба монанди хӯрдан, ошомидан, хоб рафтан, дармон шудан, гузаштани вақти як намоз бар вай, дар ҳоле ки ақлу ҳушашро аз даст надода бошад ва ғайра дар шаҳодати вай иртисос (кӯҳнагӣ) ба вуҷуд меоварад ва ӯро дар гурӯҳи дуюми шаҳидон қарор медиҳад.

Тамоми корҳое, ки бо онҳо иртисос ба вуҷуд меояд, агар дар рафти ҷанг сурат бигиранд, дар шаҳодати вай таъсире намегузоранд ва он шахс дар ҷумлаи шаҳидони гурӯҳи аввал боқӣ мемонад.

б) Шаҳидони охират, яъне табақаи дуюм бисёранд: 1. Шаҳиди муртасс (кӯҳна шаҳодат), 2. ноқису-л-ақл ва девона, ки зулман ва ба ноҳақ кушта шавад, 3. кӯдак ва хурдсоле, ки ба ноҳақ кушта шавад, 4. кушташудае, ки дар иваз мол воҷиб гардад, 5. касе, ки ба бемории тоъун (вабо, эпидемия) бимирад, 6. дар замони эпидемияи вабо бо дигар беморӣ ҳам бимирад, 7. зане, ки дар ҳолати вазъи ҳамл ва ё баъд аз он дар вақти нифос сари фарзанд биравад (бимирад), 8. касе, ки қасди куштани душманро дошт, вале тираш ба худаш ва ё силоҳаш ба худаш бархӯрд ва кушта шуд, 9. касе, ки дар об ғарқ шуда бимирад, 10. касе, ки дар оташ сӯхта бимирад, 11. касе, ки шаби ҷумъа бимирад, 12. касе, ки дар талаби илм бимирад, 13. касе, ки дар натиҷаи гаштани девор, хона ва ё сангу чӯбе бар рӯяш бимирад, 14. касе, ки бо бемории сил бимирад, 15. касе, ки даррандае ӯро бидаррад, 16. тоҷири ростгӯ ва амонатдор, ки бимирад, 17. касе, ки дар талоши ризқу рӯзии фарзандонаш аз роҳи ҳалол ва ё дар роҳи боло бурдани маърифатнокии динӣ ва пойбандии онҳо ба арзишҳои исломӣ бимирад ва ғайра.[1]

3. Шаҳиди дунё – ин ҳамон мунофиқ ва шахси беақидаест, ки дар саффи мусулмонон кушта мешавад. Аҳкоми дунявии шаҳиди комил ба вай тааллуқ мегиранд, вале аз охират баҳрае надорад.

Ҷасади боғӣ (касе, ки аз итоати валии амри муслимин сар боз зада ва бар зидди вай шӯридааст) ва роҳзан шуста мешавад, вале бар онҳо намоз гузорида намешавад.

ВОҶИБОТИ БОЗМОНДАГОНИ МУРДА

1. Вақте банда аз дунё мегузарад, ҳарчӣ тезтар омода сохтан ва барои дафн хориҷ намудани вай бар бозмондагонаш лозим аст. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Дар омода сохтан ва дафни ҷаноза (мурда) шитоб намоед. Зеро агар (ҷаноза) инсони солеҳе (нек) бошад, пас хайрест, ки ӯро ҳарчи тезтар ба он мерасонед ва агар ғайри ин бошад, пас бадиест, ки онро аз гарданатон (тезтар) поин мениҳед»***.[2]

2. Баъзе аз наздикон ва хешу табори мурда фавран ба пардохти қарзҳои вай аз молу дороияш бипардозанд. Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят шудааст, ки: «Марде (дар замони расули Худо (с)) фавт кард. Ӯро ғусл дода, кафан на-

---

[1] Бидон, ки шаҳид бар ду қисм аст, аввал, шаҳиди ҳақиқӣ, ки таърифи он муфассал гузашт, дуюм, шаҳиди ҳукмӣ ва он бисёр аст ва дар китобҳои фатово ва аҳодис (ба таври) мухталиф (омада)-аст. Пас барои забт ва фарогирӣ онҳо аз китобҳои фиқҳ, фатово, аҳодис ва ғ. дар ин мақом гирд оварда шудаанд… Бидон, ки шахси мусулмон, ки дар вабо ва тоун бимирад ё дар таб, ба иллати исҳол, бо истиско (навъе беморӣ) ва ё бо интифохи батн (бод гирифтани шикам) фавт намояд ё ба шикастани киштӣ ва ҷуз он дар об ғарқ шавад ё зери сақфи хона, девор, бино, дарахт, санг ва амсоли онҳо фавт кунад ё дар ҳолати таваллуди фарзанд, дарди заҳдон, ки фарзанди вай берун наояд ё пас аз таввалуд аз садамаи таваллуди фарзанд ҷон диҳад ё дар роҳи сафари ҳаҷ, дар ғурбат, ки касе аз наздикон ва дӯстонаш дар он вақт ҳозир набошад ё дар сафари дигаре, ки ба тариқи маснун ё мустаҳаб сурат гирифта … ё дар сафар барои талаби илми дин ё барои талаби роҳи Худо ё дар шаби ҷумъа ё дар оташ ё дар қаҳт аз гуруснагӣ, ташнагӣ ва амсоли онҳо бимирад ё даррандае, ба монади шер, гург ва ғ. ӯро бидаррад ва бихӯрад ё мору каждум ва амсоли онҳо ӯро бигазанд (ва бар асари он ҳалок гардад) ё золиме дар аснои ба ҷой овардани амри маъруф ва ё наҳйи мункар ӯро бикушад ё роҳзанон ва дуздон ӯро бикушанд ё касе ӯро бо қатли ба хато ва шибҳи он бикушад ё касе ба вай захр дода, ӯро ҳалок созад ё бар асари ҷаҳиш ва рӯшноии сахти барқ (чароғак), аз овози раъд ва ё аз фурӯ рехтани соиқа (оташак) ҷон диҳад ва (ҳамин тавр) шахсе, ки ҳамеша пой бо таҳорат бошад ва бо таҳорат падруди ҳаёт гӯяд ё дар аснои намоз ба висоли Ҳақ пайвандад, ин ҷумла ҳама аз шаҳидони ҳукмианд, ки дар рӯзи ҷазо ба фазли Худои таъоло аҷри шаҳидонро ёбанд. Эшонро ғусл додан ва кафан пӯшонидан воҷиб аст (Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни вал-улум. – Ҷ. 1, зайли моддаи «шаҳид», бо каме тасарруф дар ибораҳо).

[2] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1315; Саҳеҳи Муслим, 2183 (944)-50; Сунани Абудовуд, 3181; Сунани Тирмизӣ, 1015; Сунани Насоӣ, 1909; Сунани Ибни Моҷа, 1477.

мудем ва дар ҷои намозгоҳ, ки дар назди мақоми Ҷабраил аст, гузоштем, то расули Худо (с) бар вай намоз гузорад. Он гоҳ паёмбар (с)-ро барои хондани намоз хабар кардем. Он ҳазрат (с) чанд қадаме бо мо омад ва фармуд:

«Шояд бар гардани дӯстатон қарзе бошад (аз касе қарздор бошад)? Гуфтанд: Бале, ду динор қарздор аст. Паёмбар (с) ба қафо баргашт. Марде аз мо, ки Абуқатода ном дошт, ба вай гуфт: Пардохти он ду динор бар уҳдаи ман. Паёмбар (с) гаштаву баргашта пурсид: Оё он ду динор бар гардани ту аст ва онҳо аз моли ту пардохт мешаванд ва мурда аз он барӣ (халос) аст? Гуфт: Оре. Он гоҳ (паёмбар (с)) бар вай намоз хонд».

Баъд аз он ҳар вақте расули Худо (с) Абуқатодаро медид, мепурсид: ***«Бо он ду динор чӣ кор кардӣ?*** *Пас аз муддате Абуқатода гуфт: Эй расули Худо (с)! Онҳоро пардохт кардам. Паёмбар (с) фармуд:* ***«Ҳоло азоб аз вай бардошта шуд»***.[1]

3. Бозмондагони мурда метавонанд парда аз рӯи вай бардоранд ва пешониашро бибӯсанд ва се рӯз барои вай мотам гиранд. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст: *«Паёмбар (с) бар Усмон ибни Мазъун, ки аз дунё гузашта буд, ворид шуд ва парда аз рӯяш бардошт ва хам гашта, ӯро бӯсид. Он гоҳ гирист, ба тавре ки дидам, ашк бар рухсораҳояш ҷорӣ гардид»*.[2]

Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ривоят шуда, ки *«Паёмбар (с) баъд аз вафоти Ҷаъфар, се рӯз ба аҳли байташ (барои азодорӣ) муҳлат дод ва назди онҳо нарафт. Пас аз он ба назди онҳо омад ва фармуд: Аз имрӯз ва баъд бар бародарам гиря накунед»*.[3]

4. Бар бозмондагони мурда воҷиб аст, ки сабр ва розӣ будан аз тақдирро пеш гиранд.

Сабр бар вафоти фарзандон аҷри зиёде дорад. Аз Абусаъиди Худрӣ (рз) ривоят шуда, ки занон ба паёмбар (с) гуфтанд: Рӯзе барои (мавъизаи) мо муқаррар кун. Паёмбар (с) барои онҳо мавъиза кард ва фармуд: ***«Ҳар зане се фарзандашро аз даст бидиҳад, онҳо барои вай пардае аз оташи дӯзах мешаванд. Зане гуфт: Ду фарзанд ҳам? Паёмбар фармуд: Ду фарзанд ҳам»***.[4]

Ҳамчунин бозмондагони мурда бояд истирҷоъ ва дуо намоянд. *Истирҷоъ* он аст, ки шахс *«Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун»* ҳамон гуна ки дар оят омадааст, бигӯяд ва дуо намояд: *«Аллоҳумма оҷирнӣ фӣ мусибатӣ вахлуф лӣ хайран минҳо», «Худовандо! Маро дар ин мусибатам аҷр бидеҳ ва беҳтар аз онро бароям ҷойгузин фармо»*.[5]

5. Бар бозмондагони мурда, ба хусус занон, нолаву фиғон ва навҳа намудан, бар сару рӯи худ задан ва гиребон пора кардан, мӯи сар кандан ва ё жӯлида намудан ҳаром аст.

Абумолики Ашъарӣ (рз) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Чаҳор коре аз корҳои даврони ҷоҳилият дар уммати ман боқӣ мондаанд, ки аз онҳо даст барнамедоранд: Фахрфурӯшии (бечо) ба ниёгон, таън дар насабҳо, талаби борон аз ситорагон ва навҳагарӣ»***. Ҳамчунин фармуд: ***«Агар зани навҳагар пеш аз маргаш тавба накунад, рӯзи қиёмат дар ҳоле зинда мешавад, ки пероҳане оғушта ба равғани (қирмонанд) ва зиреҳе аз зангор бар тан дорад»***.[6] Паёмбар (с) ҳамчунин

---

[1] Ҳадиси саҳеҳ: Сунани Тирмизӣ, 1069; Сунани Насоӣ, 1959, 4706; Сунани Ибни Моҷа, 2407; [Ҷаноиз 16]; Мустадраки Ҳоким, 2393. – Ҷ. 2. – С. 370; Сунани Куброи Байҳақӣ. – Ҷ. 6. – С. 74. Ин ҳадис аз Абдуллоҳ писари Абуқатода (рз) низ ривоят шудааст. Дар Сунани Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Моҷа бо рақамҳои мазкур ҳадиси Абдуллоҳ зикр гардидааст, вале Тирмизӣ дар поёни он қайд кардааст, ки ин ҳадис аз Ҷобир (рз) низ ривоят шудааст. Ҳамин тавр ривоят шудааст, ки *«Вақте мурдаи қарздореро барои намози ҷаноза ба назди расули Худо (с) меоварданд, мепурсид:* ***Оё барои пардохти қарзаш чизе боқӣ гузоштааст?*** *Агар мегуфтанд: Оре, бар вай намоз мехонд. Дар ғайри он, ба мусулмонон мегуфт:* ***Бар рафиқатон намоз бихонед»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2298, 5371; Саҳеҳи Муслим, 4134; Сунани Тирмизӣ, 1070).

[2] Ҳадиси саҳеҳ: Сунани Абудовуд, 3163; Сунани Тирмизӣ, 989; [Ирво 693]; [Саҳеҳи Сунани Ибни Моҷа 1191]; Сунани Ибни Моҷа, 1456. Ҳамчунин ривоят шудааст, ки *«Абубакр паёмбар (с)-ро пас аз вафоташ бӯса кард»* (Тирмизӣ онро дар шарҳи ҳадиси боло ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст).

[3] Саҳеҳ : [Саҳеҳи Сунани Насоӣ 4823]; [Ҷаноиз 21]; Сунани Абудовуд, 4192; Сунани Насоӣ, 182.

[4] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 101, 1249, 7310; Саҳеҳи Муслим, 6642 (2633)-152.

[5] Аз Уммисалама (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Ба касе аз шумо мусибате расад, Инно лиллоҳи ва… (дуои мазкур)-ро бигӯяд»*** (Сунани Абудовуд, 3119; Сунани Ибни Моҷа, 1598).

[6] Саҳеҳ: [Ҷаноиз 28]; Саҳеҳи Муслим, 2157 (934)-29; Сунани Тирмизӣ, 1001; Сунани Ибни Моҷа, 1582; Муснади имом Аҳмад, 9562. Ҷ. 3. – С. 211; Муснади Абуяъло, 1577. Ҷ. 3. – С. 148; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7211.

фармуд: ***«Касе, ки бар сару рӯи худ бизанад ва гиребонашро пора намояд ва ба монанди даврони ҷоҳилият навҳаву фиғон намояд, чунин одаме аз мо нест»***.[1]

Он чи дар ин маврид ҷоиз аст, ором-ором гиристан аст. Расули Худо (с) пас аз марги фарзандаш Иброҳим, фармуд: ***«Чашмҳо ашкборанд ва дил андӯҳгин ва ба ҷуз он чӣ Худоро хушнуд намояд, чизи дигаре намегӯем. Иброҳим! Мо ба ростӣ, аз фироқи ту ғамгинем»***.[2]

6. Ҳарчанд барои намози ҷаноза ҷамоат шарт нест, вале шумораи намозгузорон ҳар андозае бештар бошад, беҳтар аст.

Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ҳар фавтидае, ки сад нафар мусулмон бар вай намоз бигузоранд ва дар ҳаққи вай дуо намоянд, дуо ва шафоъати (хостаи) онҳо барояш иҷобат мегардад»***.[3]

Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Ҳар мусулмоне бимирад ва чиҳил нафар бандаи муъмин, ки ба Худо ширк наовардаанд, бар ҷанозаи вай намоз бигузоранд, ҳатман, Худованд (дуои онҳоро барои ӯ иҷобат менамояд) ва онҳоро дар ҳаққи ӯ шафеъ қарор медиҳад»***.[4]

7. Барои шахси мусулмон шоиста аст, ки аз фазилату савоби намози ҷаноза ва рафтан аз қафои тобут ақиб намонад.

Абуҳурайра (рз) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Ҳар касе бар ҷанозае намоз бихонад, вале онро ташйеъ накунад, як қирот (аҷр) мегирад ва агар онро ташйеъ намояд, ду қирот (аҷр) мегирад. Пурсида шуд, ки ду қирот чӣ қадар аст? Фармуд: хурдтарини он ба андозаи кӯҳи Уҳуд аст»***.[5]

8. Яке дигар аз воҷиботи динӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои инсонии ислом дар рӯзи мусибат он аст, ки ҳамсоягон, наздикон ва дӯстони хонаводаи мурда дар муддати се рӯз барои онҳо таом ва ягон хӯроке бифиристанд. Зеро ин се рӯз рӯзҳои мусибат ва азодории онҳост ва онҳо дар ин муддат гирифтори ғаму мусибати хеш мебошанд.

Ривоят шудааст, ки вақте хабари шаҳодати Ҷаъфар расид, паёмбар (с) фармуд: ***«Барои хонадони Ҷаъфар таоме омода созед, ки ба сари онҳо амр (ва мусибат)-е омадааст, ки онҳоро (аз ҳар чизе) машғул медорад»***.[6]

9. Аъмол ва корҳои бозмондагон дар мавридҳои зерин барои фавтидагон нафъ мебахшанд:

а) Дуои хайри мусулмонон барои онҳо.

б) Пардохтани қарзҳои шахси фавтида.

в) Адо намудани назрҳои молии шахси фавтида, агар рӯзаи назрӣ бошад, пардохтани фидяи он ва ҳар амр ва илтизом (тааҳҳуд ва масъулият)-и дигаре, ки онро ба тариқи назр бар худ воҷиб гардонидааст.[7]

г) Пардохти закоти мол, ушри зироат ва меваҷот ва садақаи Фитр ва ҳар илтизоми дигаре, ки бо амри шаръ бар вай воҷиб гашта, вале анҷом нодода бар зиммаш боқӣ мондаанд.[8]

д) Аъмоли неке, ки фарзандони солеҳи фав-

Ҷ. 5. – С. 420.

[1] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1294, 1297, 1298, 3519; Саҳеҳи Муслим, 281 (103)-165, 282 (…)-166; Сунани Тирмизӣ, 999; Сунани Насоӣ, 1859, 1860-1864; Сунани Ибни Моҷа, 1584.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1303; Саҳеҳи Муслим, (2315)-62; Сунани Абудовуд, 3126; Сунани Насоӣ, 1868; Сунани Ибни Моҷа, 1589.

[3] Саҳеҳи Муслим, (947)-58; Сунани Тирмизӣ, 1029; Сунани Насоӣ, 1991.

[4] Саҳеҳи Муслим, 2193 (948)-59; Сунани Абудовуд, 3170; Сунани Ибни Моҷа, 1489.

[5] Саҳеҳ: [Саҳеҳи Ҷомеъу-с-сағир, 6355]; Саҳеҳи Бухорӣ, 47, 1323, 1325; Саҳеҳи Муслим, 2186 (945)-52, 2187 (…)-53, 2188 (…)-54, 2191 (…)-56; Сунани Насоӣ, 1995, 5047; Сунани Ибни Моҷа, 1540.

[6] Сунани Абудовуд, 3132; Сунани Тирмизӣ, 998; Сунани Ибни Моҷа, 1610.

[7] Ин вақте аст, ки пеш аз фавт валӣ ё ворисонашро ба пардохти онҳо васият накарда бошад, вале агар эшонро ба пардохти онҳо васият карда бошад, пас пардохти онҳо бар валӣ ё ворисон аз сеяки моли тарака воҷиб аст ва он пас аз такфин, таҷҳиз ва пардохти қарзҳои бандагон бароварда мешавад.

[8] Агар пеш аз фавт валӣ ё ворисонашро ба пардохти закоти мол ё дигар илтизомоти анҷомнадодаи шаръиаш ё ба пардохти фидяи рӯзаву намози фавткардааш васият карда бошад, он дар сеяки моли тарака вуҷубан нофиз аст, аммо агар ба он васияте накарда бошад, пас ба ихтиёри ворисон мавкул аст, онҳо метавонанд он илтизомотро табарруан пардохт намоянд ва аз зиммаи шахси фавтида соқит мегарданд.

Васият вақте ба сеяки моли тарака тааллуқ мегирад, яъне маҳдуд мегардад, ки шахси фавтида ворис дошта бошад, вале агар ӯро ворисе набошад ё ворис дошта бошад, вале аз онҳое бошад, ки пас аз тақсими фарзҳо мобақияи тарака ба онҳо рад карда нашавад, пас васият дар сурати аввал ба тамоми он ё ба ҳар миқдоре аз он, ки фаро гирад ва дар сурати дуюм, ба мобақияи он низ тааллуқ мегирад.

тида анҷом медиҳанд.

Худованд мефармояд:

وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَٰنِ إِلَّا مَا سَعَىٰ

«Дар ҳақиқат, барои инсон подош ва баҳрае, ҷуз он чи худ барои он талош намудааст, нест».[1]

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Поктарин чизе, ки одамӣ мехӯрад, ҳамон чизест, ки аз касби худаш бошад ва фарзанди одам низ аз касби ӯ ба шумор меравад»***.[2]

ж) Садақоти ҷория ва аъмоли неке, ки аз худ бар ҷой гузошта бошад.

Абуҳурайра (рз) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Вақте банда бимирад, амал (ва ҳар робитае, ки бо дунё дошт), аз вай бурида мешавад, магар аз се чиз: садақаи ҷория (пойдор ва давомнок), илме, ки мавриди истифодаи дигарон қарор гирад ва фарзанди неке, ки барои ӯ дуо кунад»***.[3]

з) Ҳар кори хайр ва садақа, ба хусус корҳои мондагоре, ки аз сӯи зиндагон тибқи муқаррароти шаръ ва дар мавзеъҳои фармудаи он барои мурдагон анҷом дода мешавад.

10. Анҷом додани корҳое, ки хилофи муқаррароти шариати ислом ва роҳнамоиҳои арзишманди расули акрам (с) мебошанд, дар канори қабрҳо бар мусулмонон ҳаром аст.

а) Забҳ намудани чорвое барои ризои Худо дар канори қабре. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Ло ъақра фи-л-исломи», «Акр (забҳ намудан бар сари қабр) дар ислом нест»***.[4]

Абдурраззоқ ибни Ҳумом мегӯяд: Аҳли ҷоҳилият гов ва ё гӯсфандеро дар канори қабр сар мебуриданд.[5]

б) Рӯ ба рӯи қабр намоз хондан.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Рӯ ба сӯи қабрҳо намоз нахонед»***.[6]

в) Намоз хондан дар канори қабрҳо ҳарчанд рӯ ба сӯи онҳо набошад ҳам, макрӯҳ аст, зеро расули акрам (с) мефармояд: ***«Метавон дар тамоми сатҳи (рӯи) замин намоз хонд, ба ҷуз гӯристон ва ҳаммом»***.[7]

г) Сохтани масҷид ва гунбаз бар рӯи қабр.[8]

ғ) Табдил додани қабристон ба ҷои баргузории идҳо ва маросимҳои ҷашну сурур ва рафтан ба қабристон дар вақтҳои муайян ва бино бар муносибатҳои хосса бо мақсади ибодату ниёиш ва тазаррӯъу гиря дар назди онҳо.

ФИДЯИ САВМУ САЛОТ

Фидя дар истилоҳи шаръ пардохт ва иваест, ки шахс бо анҷом додани он нақси худро ҷуброн ва зиммаашро аз таклифи шаръӣ ва ё вазъи баамаломадае озод менамояд.[9] Худо-

---

[1] Сураи Наҷм, 53: 39.

[2] Саҳеҳ: Сунани Абудовуд, 3528, 3529; Сунани Тирмизӣ, 1358; Сунани Насоӣ, 4461, 4462; Сунани Ибни Моҷа, 2137, 2290.

[3] Саҳеҳи Муслим, 4199 (1631)-14; Сунани Абудовуд, 2880; Сунани Тирмизӣ, 1376; Сунани Насоӣ, 3653; Сунани Ибни Моҷа, 241, 242.

[4] Ҳаттобӣ мегӯяд: «Аҳли ҷоҳилият шутуреро бар сари қабри шахси солеҳе (неке) сар мебуриданд ва мегуфтанд: Ин подоши корҳое ҳаст, ки шахси фавтида дар даврони зиндагонияш анҷом додааст» (Сунани Абудовуд, 3222. Он кори даврони ҷоҳилиятро «акр» мегӯянд, ки он дар ислом ҷоиз нест).

[5] Сунани Абудовуд, 3222.

[6] Саҳеҳи Муслим, 2247 (972)-97; Сунани Абудовуд, 3229; Сунани Тирмизӣ, 1050; Сунани Насоӣ, 759.

[7] Сунани Абудовуд, 492; Сунани Тирмизӣ, 317; Сунани Ибни Моҷа, 745.

[8] Ҷобир (рз) ривоят мекунад, ки *«Расули Худо (с) аз гаҷкорӣ намудани қабрҳо, навиштани катибаҳо (ва лавҳаҳои ёдгорӣ) бар онҳо, бино кардан бар рӯи онҳо ва аз зери по кардани онҳо наҳӣ намудааст»* (Саҳеҳи Муслим, 2242 (970)-94; Сунани Абудовуд, 3225, 3226; Сунани Тирмизӣ, 1052; Сунани Насоӣ, 2026, 2027; Сунани Ибни Моҷа, 1562, 1563, 1564).

Дар ривояти дигар омадааст: *«Дар аснои бемории паёмбар (с) Уммисалама ва Уммиҳабиба аз калисое ёдовар шуданд, ки онро дар сарзамини Ҳабаша дида буданд. Зебоӣ ва суратҳои онро ба ёд оварданд. Расули Худо (с) сар бардошт ва гуфт:* ***Онҳо (мардумеанд), ки вақте марди солеҳ (ва нек)-е аз эшон бимирад, бар рӯи қабраш масҷиде бино менамоянд ва дар он ҳамон (гуна) суратҳоро мекашанд. Онҳо бадтарини халқ дар назди Худо мебошанд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 427, 434, 1341, 3873; Саҳеҳи Муслим, 1181 (528)-16; Сунани Насоӣ, 703).

[9] Фидя فدية , дар луғат ба мол (ё монанди он) гуфта мешавад, ки барои озодӣ ва халос кардани касе аз асорат ва ғ. пардохта мешавад ва дар истилоҳи фиқҳ, миқдори муайяне таом (ё қимати он) аст, ки бобати хӯрдани рӯзаи моҳи рамазон ба мискинон дода мешавад (Фарҳанги бузурги сухан. – Ҷ. 6). Ба гуфтаи Ҷурҷонӣ, фидя иваз (ва пардох)-ест, ки (шахси) мукаллаф худро бо он аз макрӯҳ (амри нохуш)-е, ки барояш пеш омада,

ванд фармуда: **«Ва ӯ (Иброҳим)-ро бо зибҳ (чорво)-и бузурге фидя додем»**[1] – аз забҳ халос намудем.

Бар пояи таълимоти ислом фидя танҳо барои одамоне пешбинӣ шудааст, ки бар асари пирӣ ва нотавонии ҷисмӣ бо заҳмат ва сахтӣ рӯза мегиранд, яъне рӯза доштан барояшон бисёр машаққатовар ва тоқатфарсо аст. Чунин одамоне шаръан метавонанд рӯзаи моҳи рамазонро ифтор намоянд ва ба ҷои ҳар рӯзи он ба андозаи таоми як мискин (ду вақт таом дар як рӯз) фидя диҳанд ва бо ҳамин зиммаашон аз ин фармудаи шаръ озод мегардад ва қазое ҳам бар онҳо воҷиб нест. **«Ва бар касоне, ки онро бо заҳмат ва сахтӣ медоранд, фидя аст (ба андозаи) таоми як мискин»**.[2]

Беморе, ки дигар умеде ба беҳбудиаш намондааст, дар ин ҳукм шомил буда, ӯ низ ба ҷои ҳар рӯзи хӯрдааш ба андозаи таоми мискине фидя медиҳад. Беморони барҷомонда (музмин) ва гирифторони бемориҳое, ки ғолибан дармоннопазиранд, ба ин гуна беморон дохил мешаванд.

Пирамарди фонӣ ва касоне, ки дар ҳукми ӯ ҳастанд, агар соҳибмол ва доро бошанд, барои ҳар рӯзе аз моҳи рамазон ба миқдори садақаи фитр фидя медиҳанд, вагарна, аз Худо истиғфор мекунанд ва бар онҳо васияте воҷиб нест.[3]

Рӯзае, ки бо узрҳо ва фароянди пешбинишкардаи шаръ – дар аснои мусофират, беморӣ ва ғ. қазо гашта ва банда то дами марг имкони ба ҷой овардани онро наёфтааст,[4] аз назари ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ фидяе надорад – шаръан чизе барояш воҷиб намегардад. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Вақте шуморо ба чизе амр кардам, онро ба ҳамон андозае, ки метавонед, анҷом диҳед!»***[5]

Аммо вақте имкони қазо овардани онро дошта, вале бо тақсир аз дунё даргузашта бошад, аз назари ҷумҳури аимма – ҳанафӣ, моликӣ, ҳанбалӣ ва дар қавли машҳур аз шофеъӣ бояд фидяи он ба андозаи таоми як мискин пардохта шавад. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Касе фавт кунад ва рӯзаи моҳ (рамазон)-е бар вай бошад, пас ба андозаи таоми мискине аз сӯяш фидя дода шавад!».***[6] Касе, ки аз ҳамон аввал ва бе ҳеҷ узр ва ваҷҳи шаръие рӯзаи моҳи Рамазонро нагирифтааст, барои ӯ низ фидя дода мешавад.

Пеш аз марг бояд (воҷиб аст) ба валӣ ё ворисонаш васият кунад, ки фидяи рӯзаҳои қазо наёвардаашро пардохт намоянд. Ин васият пас аз хароҷоти таҷҳиз ва адои қарзҳои бандагон аз сеяки моли тарака ба-роварда мешавад. Бе васият аз моли ба мерос гузоштааш фидя додан ба хоҳиш ва ихтиёри ворисон вобаста аст. Агар миқдори фидяи васияткарда ва лозима аз сеяки молаш зиёдтар бошад, пардохти миқдори зоиди он аз моли тарака ба ризояти ворисон бастагӣ дорад ва бе он ҷоиз нест. Агар мутаваффо ворисе дошта бошад, ки дар фароиз аз асҳоби рад набошад, ба мисли яке аз завҷайн, пас миқдори зоид дар васият бар моли зоид аз саҳми ворис низ тааллуқ мегирад. Агар тамоман ворисе надошта бошад, он ба ҳамаи моли тарака тааллуқ мегирад. Аммо агар васияте накарда бошад, пас пардохти фидя бар валӣ ва ворисонаш воҷиб нест, вале агар онро табаррӯъан пардохт намоянд, ҷоиз аст. Васият ба пардохти фидяи савму салоти қазогашта ва дигар воҷиботи шаръие, ки ҷанбаи ибодатӣ доранд ва нофиз аст) пардохта мешавад. Назди шофеъиён ва ҳанбалиён, хоҳ васият кунанд, хоҳ не (яъне назди онҳо васият шарт ва воҷиб нест), пардохти фидяи он, ба мисли қарзҳои бандагон, бар валӣ ва ворисонаш воҷиб аст ва аз кулли тарака пардохта мешавад.

халос месозад (Ҷурҷонӣ, Алӣ ибни Муҳаммадшариф. Китобу-т-Таъри¬фот. – С. 172. – Бейрут, 1985).

[1] Сураи Соффот, 37: 107.

[2] Сураи Бақара, 2: 184.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 472; ал-Баҳру-р-роиқ. Ҷ. 2. – С. 449; Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 362.

[4] Ба ин маъно, ки шахси бемор дар моҳи Рамазон ҳанӯз сиҳҳат наёфта ва шахси мусофир муқим ногашта, фавт намоянд, рӯзаи моҳи Рамазон аз онҳо соқит мегардад ва пардохти фидяе ҳам бар валӣ ва ворисонашон воҷиб нест, зеро тибқи фармудаи Қуръон, бар касоне, ки дар моҳи Рамазон бемор ва мусофир ҳастанд, агар пас аз он солим ва муқим гарданд, қазои он воҷиб аст. Агар пас аз моҳи Рамазон муддате сиҳҳат ёфтанд ё муқим гаштанд, ки метавонистанд қазои онро бидоранд, вале онро қазо наёварда, пас аз он фавт карданд, назди фуқаҳои ҳанафӣ ва моликӣ воҷиб аст, ки пеш аз марг ба пардохти фидяи он васият кунанд ва он аз сеяки моли тарака (он миқдоре, ки васият дар он нофиз

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 7288; Саҳеҳи Муслим, 3244 (1337)-412.

[6] Сунани Тирмизӣ, 718. Ҳадисро мавқуф бар Ибни Умар (рз) – ровии он гуфтаанд.

адокарда боқӣ мондаанд, бар шахсе воҷиб аст, ки моле ба мерос гузошта бошад, агар чизе аз худ боқӣ нагузошта бошад, васият аз вай соқит аст ва ӯ дар он ҳуқуқ ва воҷиботи илоҳие, ки бар зиммааш ноадокарда боқӣ мондаанд, назди фуқаҳои ҳанафӣ ба афву раҳмати Худованд мавкул аст.[1] Зеро барои ӯ айёми таклиф ба поён расида ва давраи умедворӣ боқӣ мондааст.

Ҳар кас бояд пеш аз марг, ба мисли фидяи савму салоти қазогаштааш,[2] ба пардохти фидяи боқимондааш аз ҷиноят дар эҳром, хуни ҷиноят дар аҳком ва маносики ҳаҷ, назри нопардохта, каффоратҳои нопардохта – каффорати моҳи рамазон, каффорати ийло, зиҳор ва ғ. васият намояд. Миқдори фидя барои ҳар рӯз бино ба фармудаи Қуръон (2:184) ба андозаи таоми як мискин муайян гардидааст ва фақеҳони киром дар мазҳаби ҳанафӣ онро ба як соъ хурмо ё як соъ ҷав ва ё ним соъ гандум ва ё қимати он, дар мазҳаби моликӣ ва шофеъӣ ба як муд (ман) ва дар назди ҳанбалиҳо ба як муд гандум ва ё ним соъ хурмо ва ё ҷав бароварда кардаанд.

Дар осори зоҳири ривоят дар мазҳаб, дар бораи фидяи пас аз марг, нисбат ба қабул ва дурустии фидяи рӯзаи бемор ва мусофире изҳори назари қатъӣ шудааст, ки қазои онро пас аз имкони он (пас аз солим ва муқим гаштан) дар замони ҳаёташон аз рӯи кӯтоҳӣ ба ҷой наёварда ва пеш аз марг ба валӣ ва ворисонашон ба пардохти фидяи он васият кардаанд. Аммо дар бораи қабули фидяи савме, ки аз ҳамон аввал бе ҳеҷ гуна узри шаръӣ қазо гашта, яъне қасдан онро нагирифта ва қазояш ҳам бо кӯтоҳӣ ба ҷой оварда нашудааст ё фидяи салот (намозҳо)-и қазогашта имом Муҳаммад (рҳ) ибораи «Иншоаллоҳ»-ро ба кор бурда ва фуқаҳои мутааххир онро ба маънои умедворӣ ва чашм ба қабули он доштан таъбир кардаанд, зеро дар бораи фидяи ибодатҳои ба ин тариқ қазогашта дар сарчашмаҳои аввали шаръ на дар замони ҳаёти соҳибонашон ва на пас аз маргашон чизе наёмадааст.

Фақеҳони киром пардохти фидяи намозро бо илҳоқи он ба савм, аз ҷиҳати мумосалати мавҷуд дар байнашон, ба тариқи истеҳсон ҷоиз донистаанд. Ва пардохти миқдори закотро низ, агар ба он васият карда бошад, аз сеяки тарака воҷиб донистаанд. Хулоса, дар ибодатҳои бадании маҳз, агар ба додани фидя васият карда бошад, валӣ ва ворисонаш онро аз сеяки моли тарака вуҷубан пардохт мекунанд[3] ва агар васият накарда бошад, метавонанд онро ҷавозан пардохт намоянд. Дар ибодатҳои молии маҳз, ба мисли закот, миқдори закоти воҷибгашта ва пардохтнашударо аз сеяки моли тарака адо мекунанд ва дар ибодатҳои мураккаб – баданӣ ва молӣ, ба мисли ҳаҷ, касеро аз сеяки моли таракаи маййит ниёбатан ба ҳаҷ мефиристанд.

Аммо он амалияе, ки имрӯз барои фидяи савму салоти шахси фавтида бо номи «давра» ва ё «даврагардон» бо шаклҳои гуногуне дар байни мусулмонони кишвар ва берун аз он бо номи ҳилаи шаръӣ маъмул гаштааст, дар сарчашмаҳои шаръ ва китобҳои муътабар – масоили зоҳири ривояти мазҳаб зикре аз он наёмадааст. Он чи дар онҳо таҳрир ёфта, ҳамон фидяи савму салот, ба тартиби фавқ аст, ки барои ҳар рӯзе аз рӯзаи фавтшудаи моҳи рамазон, ҳар вақт намози қазогашта аз фарзҳои панҷгона ҳамроҳ бо намози витр ва дигар воҷиботе, ки бар зиммаи фавтида адонокарда боқӣ мондаанд, ба андозаи соъе аз мавизу хурмо ва ҷав ё нимсоъ аз гандум (низ аз орд ва толқони аз орди гандум) ва ё қимати онҳо бароварда мешавад, ки он назди фуқаҳои мо аз пардохти айни ин ашё беҳтар аст. Бо ин вуҷуд, баъзе фуқаҳои мутааххир «давр» ё «давра»-ро дар мавридҳои муайян ва бо шартҳо

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 466–467.

[2] Аммо агар дар замони беморӣ ва пирӣ намозҳояшро қазо кунад ва барои онҳо фидя диҳад, ҷоиз нест, зеро дар сарчашмаҳои аввали шаръ фидяи даврони ҳаёт танҳо барои пирамарди фонӣ ва касоне, ки тобу тавони рӯза доштанро надоранд, дар рӯзаи моҳи рамазон собит шудааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 646).

[3] Ибодатҳо ва он воҷиботи шаръие, ки ҷанбаи тааббудӣ доранд, дар айёми таклиф – давраи ҳаёт бар банда, чун ирода ва ҳаққи ихтиёр дорад, воҷиб ҳастанд, вале вақте мемирад, амалаш қатъ мегардад ва дигар ирода ва ҳаққи ихтиёр (барои ният кардан дар ибодат) аз вай салб (бардошта) мегарданд. Пас дар ин ҳолат агар ба валӣ ё ворисонаш пардохти фидяи онҳоро васият карда бошад, ҳаққи ихтиёр шаръан дар сеяки моли мутаваффо маҳфуз ва дар он нофиз аст. Пас пардохти фидя бар валӣ аз сеяки он мол воҷиб мегардад. Аммо агар васияте накунад, он шарт дар ҳақ аҳкоми дунявие, ки миёни банда ва Парвардгор ҳастанд, соқит мегардад, бар хилофи ҳуқуқ ва қарзҳои бандагон, ки ба айни мол тааллуқ мегиранд ва расондани онҳо ба мустаҳиққонашон воҷиб аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 643).

ва тариқаи хоссе ҷоиз донистаанд. Ба қавли эшон, даврa дар ҳолате ҷоиз аст, ки шахси фавтида аз худ аслан моле боқӣ нагузошта бошад ё миқдори моли боқигузоштааш барои пардохти васияташ кифоя накунад, пас барои фаро гирифтани миқдори фидя тамом ибодатҳо ва воҷиботи фавтшударо валӣ метавонад амалияи даврaро ба иҷро гузорад.[1]

Аз ибороти фуқаҳои мутааххире, ки дар бораи даврa сухан гуфтаанд, бармеояд, ки он ба унвони роҳи ҳалле барои осонтар шудани пардохти фидя бар валӣ ва ворисон дар ҳолатҳо ё мавридҳои муайяне ҷоиз дониста шудааст. Вале он чи имрӯз дар баъзе ҷоҳо бо номи даврa анҷом мегирад, ба сурате даромада, ки ба ҳеҷ ибораи фиқҳӣ мутобиқат надорад. Илова бар ин, он амалан ба ҷои он фидяи савму салоте роиҷ ва маъмул гашта, ки дар зоҳири ривоят аз китобҳои мазҳаб зикр гардидааст. Ин дар ҳоле аст, ки фидяи савму салоти зикршуда дар масоили зоҳири ривоят ба миқдори нуфузи васият дар моли тарака ё ба табарруъ ва қудрати молии фидядиҳандагон вобаста аст ва барои онҳо мушкиле бор намеоварад. Зеро он ҳар миқдоре аз васиятро басанда бошад, барои он фидя медиҳанд ва дар боқии ибодатҳо, бино бар тавсияҳои шаръ, ба афву раҳмати Ҳақ таъоло мавкул аст.[2]

ТАРАКАИ МАЙЙИТ

Тарака/тарика ар.: تركة/تركه, чизи матрук, пасмонда, ба ҳоли худ вогузошташуда; мотарак ва ҳар он чизе, ки одамӣ пас аз худ боқӣ мегузорад, он чи аз мурда ба мерос монад, мерос; дар форсӣ бо лафзи кардан ва намудан ба маънои тақсим кардани моли тарака истеъмол шавад; дар истилоҳи шаръ назди ҷумҳури фуқаҳо, ҳар молу дороӣ ва ҳуқуқҳои молие, ки пас аз фавти шахс ба сурати мерос боқӣ мемонанд ва назди машоихи ҳанафӣ, моли ба мерос мондае, ки аз тааллуқи ҳаққи ғайр ба айни он холӣ ва соф бошад.

Дар таълимоти ислом тақсими тарака бо фалсафа ва эътибороти хоссе тазмин шуда, ки берун овардани мол аз инҳисор (монополия)-и афроди муайян, интиқоли одилонаи моликият бар сари ҳар насле ва таҳвили сармояи андӯхтаи он ба насли баъдӣ бахше аз ҳикматҳои он бошад.[3] Илова бар ин, тақсими тарака дар ми-

[1] Даврa ё куллан аз моли ворисони мурда, ки ба пардохти фидяи ибодатҳои фавтшудаи вай ба тариқи табарруъ иқдом кардаанд ва ё қисман аз моли онҳо ҳамроҳ бо он миқдор моле, ки аз таракаи мурда боқӣ монда, вале барои пардохти фидяи тамоми васияташ нокофӣ аст, ба роҳ монда мешавад ва дар ин маврид табарруъ аз ғайри ворисон ҷоиз нест. Онҳо бояд аввал миқдори ибодатҳои фавтшудаи шахси фавтидаро, пас аз тарҳи 12 ё 9-соли умри ӯ (ки ба тартиб поёнтарин давраи синни булӯғ барои писар ва духтар аст), муайян ва барои қазои ҳар рӯзи рӯзаи моҳи Рамазон ё ҳар вақт намози фарзӣ мас., ним соъ гандум ё як соъ ҷав, мавиз ё хурмо ё қимати яке аз онҳоро пешбинӣ намоянд, он гоҳ барои пардохти фидяи якҳафта, як моҳ ва ё яксолаи рӯза, намоз ё дигар ибодатҳои фавтшуда ба таври алоҳида ё дар маҷмӯъ маблағ ё аз маводди ғизоии зикршуда ҷудо созанд. Сипас валӣ ё яке аз ворисон ва ё шахси дигаре ваколатан аз сӯи эшон онро ба фақир (мискин)-е дар фидяи он миқдори ибодати вай таслим намояд ва пас аз қабзи фақир онро аз вай дархости бахшиш ва талаби ҳиба кунад, фақир низ пас аз он ки молики он гашт ва худро дар тамаллуки он озод ва соҳибихтиёр дид, онро бо майли худ ба валии мурда ё вакили ӯ бибахшад ва ба фармудаи Фатовои ҳиндия, фақир онро ба валӣ садақа кунад (Ҷ. 1. – С. 138). Сипас валӣ бори дуюм онро дар иваз ё фидя миқдори дигаре аз ибодатҳои фавтшудаи мурда пардохт намояд ва ҳамин тавр бори сеюм, чаҳорум ва ғ. Агар валӣ ё ворис дар вақти анҷоми даврa нияти ҳила ва бозпас гирифтани он молро аз фақир дошта бошад ё фақир пас аз қабзи он худро соҳиби комилҳуқуқи он нашуморад ва онро зери таъсири фазои маҷлис ба валӣ бибахшад, он даврa дуруст намегардад, зеро онро ба ихтиёр ва майли худ набахшидааст. Ҳамчунин агар он маблағ ё маводди ғизоӣ аз андозаи муайянгашта аз сӯи шаръ барои фидя камтар бошад, даврa дуруст намегардад. Гузашта аз ин, даврa амал ва кори валӣ ё ворисони мурда аст ва ба васият ё адами васияти шахси фавтида тааллуқ надорад, ҳатто агар пеш аз марг ба он васият ҳам кунад, анҷоми он ба мисли фидя воҷиб намегардад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 2. – С. 644–645).

Соҳиби Радд, Ибни Обидин (падар) масоили марбут ба даврaро дар рисолае бо номи «Шифоу-л-алил ва баллу-л-ғалил фӣ ҳукми-л-васияти би-л-хатамоти ва-т-таҳолил» ва Ибни Обидин (писар) дар рисолае бо номи «Минҳату-л-Ҷалил ли баёни исқоти мо ъала-з-зиммати мин касирин ва қалил» ба тафсил баён кардаанд (Маҷмӯату расоили Ибни Обидин. – Бе зикри ҷой ва соли чоп).

[2] Дар поварақии Мароқи-л-фалоҳ он чиро, ки имрӯз бо номи «даврa» роиҷ гаштааст, аз ҳилаҳое ба шумор овардааст, ки аз сӯи ҳеҷ соҳибхираде пазируфта нест. (Мароқи-л-фалоҳ, фасли исқоти савму салот. – Ҷ. 1. – С. 191).

[3] Дар фарҳанги қонунгузории ислом, ба хусус низоми тақсими мерос, ҳолатҳо ва ҳикматҳои зер ба эътибор гирифта шудаанд: равиши миёна, ҳамсозӣ бо фитрати инсон, адолати иҷтимоӣ, тағйирнопазир ва илзомӣ бу-

дани қонуни мерос, ҳифзи ҳамбастагӣ ва таҳкими бунёди хонавода, дақиқ ва мушаххас будани бандҳои қонуни мерос ва одилона будани низоми тақсими он.

1. Дар тақсими мерос бар пояи қавонини ислом шеваи эътидол ва равиши миёнае баргузида шудааст, ки дар он тамоми ҳуқуқи моликияти шахсӣ ба эътибор гирифта шуда ва дар айни ҳол тавозуни саҳми ворисон бар асоси наздикии қаробат ва бо назардошти ниёз ба дурнамои зиндагӣ риоя шудааст.

2. Ба хотири арҷ ниҳодан ба заҳматҳое, ки шахси меросгузор дар тӯли ҳаёташ барои касби мол кашида ва барои осудагии хотир ва оромиши руҳаш ҳам ҳаққи васият дар сеяки молро ба вай дода ва ҳам таъмини ҳифз ва амнияти сармояшро пас аз марг бо низоми интиқоли он ба ворисонаш барояш кафолат додааст. Зеро инсон фитратан аз заъфу нодорӣ ва дастнигар шудани фарзандонаш пас аз марги худ сахт нигарон аст (Нисо, 4: 9) ва бо тазмини интиқоли солими молу сармояш ба онҳо қалбаш ором мегардад.

3. Ислом бо муайян кардани саҳми тамоми ворисон, ки дар байни онҳо дар баробари бузургу тавоно ҳатман хурду заъиф ва нотавон ҳам вуҷуд дорад, адолати иҷтимоиро ба иҷро гузоштааст.

4. Низоми мерос дар ислом қонуни куллӣ, тағйирнопазир ва тамоми бандҳои он лозимулиҷрост. Касе пас аз тағйири авзои иҷтимоӣ ва дигаршавии мазоҳири зиндагӣ ҳаққи ворид кардани тағйиру илова, каму зиёдатӣ ё бекор кардани ҳеҷ банде аз онро надорад.

5. Ислом бо ҷой додани падару модар, зану шавҳар, фарзандон, бародарон ва амакҳо дар радифи меросбарон асбоб ва заминаҳои таҳкими бунёди хонаводаро фароҳам оварда ва дар ин маврид ниёзи фитрии инсон ба хешовандон, пайвандҳои отифӣ бо онҳо ва баст (густариш)-и муҳаббати дилҳоро таъмин намудааст. Ҳамчунин бо радабандии ворисон ба завилфуруз, асабот, завиларҳом ва улулқурбо (4: 8) дар низоми мерос зимнан ба дараҷаи наздикӣ ва сатҳи пайванди қаробати онҳо бо шахс рӯшанӣ андохтааст.

6. Дар қонуни мероси исломӣ ирс – меросбарӣ бар ду асос: фарз ва таъсиб муайян гардидааст, ки саҳми асҳоби фароиз бо ҳиссаҳои дақиқе: нисф, сулсон (аз се ду, ду сеюм), сулс (сеяк), рубъ (чаҳоряк), судс (шашяк) ва сумн (ҳаштяк) муайян карда шудааст ва ин амр аз ҳар гуна духурагӣ ва ношаффофӣ дар вожаҳои қонун ва шарҳи он ҷилавгирӣ мекунад ва пеши роҳи суи истифода аз онро мегирад, чуноне ки дар бандҳо ё вожаҳое аз қавонини гуногуни баъзе кишварҳо вуҷуд дорад.

7. Ислом бо назардошти фалсафаи хос ва пешбинии эътибороти дақиқе дар қонуни мерос ва таъйини саҳми тамоми ворисон дар умум низоми одилонаи молӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро дар байни ақшори мухталифи ҷомеа ба вуҷуд овардааст. Вақте занро дар моли мерос нисфи мард ё як мардро баробари ду зан ҳақ додааст, ин бо назардошти масъулиятҳои иҷтимоие буда, ки бештар аз ду баробар ба дӯши мард ҳастанд. Аз сӯи дигар, бартарии мард бар зан дар саҳми мерос амри нисбӣ ва ёни фарзандон ва наздиктарин қаробати шахс пешбинӣ шуда, ки вайро ба гардиши дурусти ҳосили умраш ва осудаҳолии дунболаи наслаш дар зиндагӣ умедвор ва аз зоеъ ва барҳадар рафтани талошҳои давраи ҳаёташ хотирҷамъ месозад, амре, ки дар қонунгузориҳои дигар камтар ба он таваҷҷуҳ шудааст.[1] Бар асоси

дар мавридҳои муайяне пешбинӣ шудааст. Дар низоми мероси исломӣ мавридҳои дигаре ҳам вуҷуд доранд, ки зан баробари мард ё бештар аз вай мерос мебарад.

[1] Тақсими тарака, қонуни мерос ва илми фароиз аз муҳимтарин аҳкоми шаръӣ, қавонини фиқҳӣ ва улуми динӣ ба шумор мераванд ва зикри муфассали усули куллии он дар Қуръон (дар чанд ояти сураи Нисо), баёни муаккади ҷузъиёташ дар Суннат ва ҳамин тавр сайри тадриҷии қонунгузории ислом дар ибтидои фарзияти он ба аҳаммияти ин фариза ишора дорад. Қуръони карим дар поёнбахши ояти 11 сураи Нисо тақсими тараката фаризае аз сӯи Худо гуфта, дар оятҳои 13-14 онро аз ҳудуд ва муқаррароти илоҳӣ эълон кардааст ва дар сурати тахаллуф аз он аз азоб ва ваъиди сахти Ӯ таъоло хабар додааст. Ба фармудаи паёмбари акрам (с): ***«Илм се аст ё се чиз аст ва мосивои он фазл (зоид бар зарурат) аст: а) Ояти муҳкама, б) суннати побарҷо*** (ба таври саҳеҳ собитшуда ва ва мансух нагашта) ***ва в)фаризаи одила*** (аҳком фароиз ва ақсоми тақсими моли тарака)», он яке аз се илме аст, ки аз усул ва заруриёти дин ба шумор мераванд (Сунани Абудовуд, 2885; Сунани Ибни Моҷа. Заҳабӣ ва дигарон онро заъиф гуфтаанд).

Ба гуфтаи муфассирон ва сиранигорон, пас аз ҳичрати расули Худо (с) низ бахше аз расму ойини даврони ҷоҳилият то муддате идома дошт ва мардум бар он мезистанд, то он ки Худованд ба тадриҷ онҳоро бекор ва ба ҷои онҳо қавонин ва маншури наверо ба иҷро даровард. Аз ҷумла тақсими тарака ва қонуни мерос ҳам тайи чанд марҳала ва ба муносибатҳои хоссе лағв ва ба шакли ниҳоӣ дароварда шуд. Бар асоси урфи даврони ҷоҳилият тарака ва ҳаққи мерос танҳо барои мардони хонавода собит буд ва он дар ду мавриди дигар низ қорӣ будааст, ки яке бар асоси паймони бародарӣ ва дигаре бар аҳди писархондагӣ устувор буд. Дар ҳар дуи ин мавридҳо ҳам танҳо мардон, ки неруи ҷангӣ ва тавони ҳимояи қабила ва хонаводаро доштанд, мерос мебурданд ва занон ва кӯдакон аз он комилан маҳрум буданд.

Он гоҳ ояти васият: **«Бар шумо, вақте касе аз шуморо марг ҳозир шавад, агар хайр (мол)-е боқӣ гузошта бошад, васият барои волидайн ва наздикон навишта шуд»** (Бақара, 2: 180), нозил ва он бар муъминон фарз гардид. Мусулмонон муддати каме ба он амал ва аз моли худ барои падару модар ва дигар хешовандон васият мекарданд ва он мол пас аз марги шахс ба онҳо тааллуқ мегирифт. Васият ба ин шакл метавонист тамоми моли маййитро фаро гирад ва чизеро барои хешовадоне, ки барояшон васият нашуда буд, боқӣ нагузорад.

Ин вазъ то ғазваи Уҳуд дар соли сеюми ҳичрӣ идома

таълимоти ислом, пас аз фавти шахс ба моли тарака чаҳор ҳақ тааллуқ мегирад:

1. Хароҷоти таҷҳиз – такфин ва дафни майит. Ин бахш шомили харид ва таҳияи кафанвор, хариди оби ғусл (агар маҷонӣ ёфт нашавад), музди гӯркан (агар бо музд бошад) ва хариди қитъаи замине дар гӯристон (дар он ҷойҳое, ки қабргоҳ танҳо ба тариқи хариду фурӯш дар ихтиёри шахрвандон гузошта мешавад) мегардад.

Агар касе аз ворисони маййит дар таҳияи кафанвор ва дигар заруриёти дафни вай аз моли худаш табарруан харҷ намояд, кори хайр ва савоб аст ва дар ғайри он метавонад ба андозаи харҷаш аз моли тарака, агар аз сулси он таҷовуз накунад, дарёфт намоянд. Табарруъ аз шахси дигаре, ғайр аз ворисон, дар ин маврид бояд пазируфта нашавад, ки он барои ворисон мӯҷиби ор аст, магар ин ки маййит чизе ба мерос нагузошта бошад ё ворисонаш кӯдак бошанд ва ё чизе надошта бошанд.

2. Қарзҳои маййит ва он шомили ҳуқуқ ва пардохтҳои молие мегардад, ки дар замони ҳаёташ ба зиммаи ӯ буда, онҳоро бо сабабҳое то пеш аз маргаш пардохт накардааст. Аз назари ҷумҳури аимма – ҳанафӣ, моликӣ ва шофеъӣ қарзҳои молии муҳлатдор бо марги шахс фавран ҳулул мекунанд – муҳлати пардохташон фаро мерасад ва пас аз бароварди хароҷоти таҷҳиз бояд аз таракаи вай пардохта шаванд.[1]

Бино ба таърифи фуқаҳои ҳанафӣ аз тарака, агар ба амвол ва ашёе, ки аз маййит боқӣ мондаанд ё ба қисмате аз онҳо, ҳаққи ғайр тааллуқ гирифта бошад, ба монанди амвол ва ашёи раҳн гузошташуда, амонат ниҳодашуда, ба иҷора гирифташуда ва ғ., онҳо аз тарака ба шумор намераванд ва бояд пеш аз таҷҳизу такфин ё бе назардошти онҳо ба соҳибонашон баргардонида шаванд. Ба ибораи дигар, дайнҳо ё қарзҳои маййит аз назари фуқаҳои ҳанафӣ ду навъанд: дайнҳои айн ва дайнҳои мутлақа. 1. Дайнҳои айн ба айни моли барҷоймонда аз маййит тааллуқ мегиранд ва чуноне вай дар замони ҳаёташ ҳаққи тасарруф дар онҳоро надошт, пас аз марг ворисонаш низ ҳаққи тамаллук ва тасарруф дар онҳоро надоранд. Онҳо аз моли тарака ба шумор намераванд ва бояд айни онҳо, агар мавҷуд бошад, ба соҳибонашон баргардонида шавад, вале агар айнашон талаф ёфта ё аз байн рафта бошад, пардохти замонати онҳо воҷиб ва ба навъи дайнҳои мутлақа интиқол меёбанд. 2. Дайнҳои мутлақа он муомилоти молие ҳастанд, ки ба зиммаи ва уҳдаи шахс дар замони ҳаёташ собит ва воҷиб гардидаанд, ба монанди қарзҳои пулӣ, миқдори нопардохтаи маҳр ва ғ. Ин навъи дайнҳо ба моли тарака тааллуқ мегиранд ва пас аз таҷҳизу такфин ва пеш аз амал ба васият пардохта мешаванд.[2]

дошт. Ривоят шуда, ки Саъд ибни Рабеи Ансорӣ дар ин ғазва ба шаҳодат расид ва бародаронаш бар асоси урфи даврони ҷоҳилият таракаи ӯро дар байни худ тақсим карданд ва ду духтарашро аз мерос маҳрум сохтанд. Ҳамсари Саъд духтаронашро ба назди расули Худо (с) бурд ва аз кори бародарони Саъд ба ӯ шикоят кард. Ин ҷо буд, ки ояти ҳафтуми сураи Нисо нозил шуд ва ҳаққи занонро дар моли тарака ба таври абадӣ муқаррар сохт: **«Барои мардон аз он чи волидайн ва хешовандон бар ҷой гузоштаанд, насиб ва бахраест ва барои занон ҳам аз он чи волидайн ва хешовандон бар ҷой гузоштаанд, насиб ва ҳиссаи муайян аст аз каму зиёди он » (Нисо, 4:7).** (Сунани Тирмизӣ, 2092. Дар идомаи ҳадис омадааст, ки он гоҳ расули Худо (с) ба назди амакашон – бародари Саъд кас фиристод ва фармуд, ки аз се ду ҳиссаи таракаро ба духтарон ва як ҳаштумашро ба модарашон бидеҳ ва мобақии он аз худат аст!).

Пас аз нузули оятҳои маворис дар сураи Нисо ҳукми васият барои он хешовандоне, ки дар Қуръон саҳми муайяне барояшон таъйин гардид, мансух шуд ва барои он хешовандоне, ки аз доираи меросбарии шаръӣ берун монданд, ба сурати ҷавоз ва мустаҳаб ва он ҳам то миқдори сулси моли тарака боқӣ монд.

Мавзӯи тарака дар матнҳо ва донишномаҳои фиқҳӣ дар китобҳои мустақил ё мадхалҳои илмӣ бо номҳои «фароиз», «мерос», «маворис», «ирс» ва «тарака» баён шудааст.

[1] Дайнҳо ё қарзҳои Худованд, яъне таколифи илоҳӣ ва умури диние, ки аз сӯи шаръ бар банда воҷиб гаштаанд, ба мисли намоз, закот, рӯза ва ғ. ҳукми ибодатро доранд ва ба ҷой овардани онҳо назди фуқаҳои ҳанафӣ ният ва ихтиёр – феъли мукаллафро тақозо мекунад, ки бо вафоти шахс амалаш қатъ мегардад ва ворисон низ ба адо ё пардохти фидяи онҳо мукаллаф нестанд, магар дар сурате ки шахси фавтида пеш аз марг ба он васият карда бошад. Пас дар ин сурат адо ё пардохти фидяи онҳо ҳукми васиятро мегирад ва дар зимни аҳкоми мутааллиқ ба он татбиқ мегардад.

[2] Дайнҳои мутлақае, ки ба зиммаи маййит мондаанд, боз ба дайни қавӣ ва заъиф ҷудо мешаванд ва дар сурати зиёда ё баробар будани бақияи тарака бо ин дайнҳо дар тақсими онҳо бар соҳибонашон мушкиле пеш намеояд. Вале агар моли тарака барои ҳамаи дайнҳои маййит кифоя накунад, фуқаҳо онҳоро бар асоси дараҷаи қувват ва заъфашон тартиббандӣ ва адои дайни қавиро бар заъиф бо он тафсиле, ки дар китобҳои фиқҳ омада, муқаддам доштаанд.

3. Васияти худи маййит, ки пас аз пардохти ду банди аввал дар сеяки моли тарикааш нофиз мебошад.[1] Ин бахш шомили васиятҳои майкардааст ва низ собит шуда, ки аксари саҳобаи киром пеш аз марг васияти молие накардаанд.

Васият бар асоси ҳадиси фавқ ва ҳадиси Саъд ибни Абуваққос (рз) дар сеяки моли тарака нофиз мегардад ва ба бештар аз он тааллуқ намегирад, ба ин маъно, ки ислом барои шахси фавтида ба миқдори сеяки молаш ҳаққи тасарруф додааст ва дар бештар аз он васияти вай нофиз намегардад, магар бо ризоят ва иҷозати ворисон. Саъд ибни Абуваққос (рз) ривоят мекунад, ки дар Макка дар сафари ҳаҷҷатулвадоъ бемор шудам ва паёмбар (с) маро ба иёдат омад. Гуфтам: *«Эй расули Худо (с), бемории ман ба ҷое расидааст, ки мебинӣ ва ман шахси молдор ҳастам, дар ҳоле ки ғайр аз як духтар ворисе надорам. Оё тамоми моламро ва дар ривояте: дусеюми моламро садақа кунам ё ба он васият кунам! Фармуд:* ***Не.*** *Гуфтам: Нисфи онро ё ба нисфи он! Гуфт:* ***Не****. Гуфтам: Пас сулсашро! Фармуд:* ***Сулсашро ва сулс низ бисёр ё бузург аст. Ту агар фарзандон ё ворисони худро бениёз ва сарватманд боқӣ гузорӣ, беҳтар аз он аст, ки онҳоро нодор ва тиҳидаст бигузорӣ, ки ба сӯи мардум дасти ниёз дароз кунанд! ...»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1295, 2742, 2744, 3936, 4409, 5354, 5659, 5668, 6373, 6733; Саҳеҳи Муслим, 4185, 4186 (1628)-5, 4191 (000)-8). Саъд (рз) дар он рӯз ғайр аз як духтар надошт.

Бо вуҷуде, ки ҷумҳури фуқаҳо васият карданро барои шахсе, ки пас аз худ моле боқӣ мегузорад, ҷоиз ва мустаҳаб донистаанд, вале васият кардан ба камтар аз сулсро беҳтар гуфтаанд, зеро паёмбар (с) дар ҳадиси Саъд (рз) сулсро иҷозат дода, вале онро низ бисёр ё бузург гуфтааст. Ибни Аббос (с) мефармояд: Кош мардум (дар васият) то рубъ поён меомаданд ё ба рубъ бармегаштанд, зеро расули Худо (с) фармуда: ***«Пас сулс ва сулс низ бисёр ё бузург аст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2743; Саҳеҳи Муслим, 4194 (1629)-10). Аз Абубакри Сиддиқ (рз) ривоят шуда, ки фармуд: Хумс дар васият бароям маҳбубтар аст, зеро Худованд онро ба унвони саҳме дар ғанимат баргузида ва ба он розӣ шудааст. Аз Алӣ (рз) низ чунин қавле ривоят шуда ва ба гуфтаи Ибни Қудома, ин зоҳири қавл (аксар)-и салаф аст (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 43, зайли мадхали «васият»).

Бо иттифоқи назари ҳамаи фуқаҳо вақте ворисони шахс бениёз, сарватманд ва моли тарака низ бисёр бошад, пас васият ба сулси он ҷоиз аст, аммо вақте моли тарака кам ва ворисон низ муҳтоҷ ва тангдст бошанд, пас беҳтар аст, ки васияте накунад. Косонӣ мегӯяд: Агар мол кам ва ворисон фақир бошанд, афзал аст, ки васияте накунад, зеро паёмбар (с) дар ҳадиси Саъд фармуда: ***«Ту агар ворисонатро бениёз боқӣ гузорӣ, беҳтар аз он аст, ки онҳоро тангдаст бигузорӣ, ки ба сӯи мардум дасти ниёз дароз намоянд»*** ва низ ба он хотир, ки васият дар ин ҳолат сила ба бегонагон аст ва тарки он – васият накардан ва боқӣ гузоштани ҳамаи тарака сила ба хешовандон, пас он авло аст. Агар мол бисёр ва ворисон фақир бошанд, пас афзал аст, ки ба камтар аз сулси он васият кунад ва молро барои ворисонаш боқӣ гузорад. Ба ҳар ҳол, васият ба хумс аз васият ба рубъ афзал ва ва-

[1] Васият исме аз исо/ийсо (ايصاء) ва назди баъзе луғавиён аз тавсия (توصيه), ба маънои панд додан, насиҳат кардан; супориш додан, амр кардан ё талаб ва дархост кардани коре ё чизе аз касе; чизеро ба чизе пайвастан. Он дар Қуръони карим ба ду маъно корбурд шудааст, яке ба маънои панд додан, супориш додан ё талаб ва дархости кор ё чизе аз касе дар замони ҳаёташ, ба мисли фармудаи Худованд: **«Ва инсонро ба эҳсон ба волидайнаш тавсия (васият) кардем»** (Аҳқоф, 46: 15), яъне аз вай талаб кардем ё ба вай супориш додем, ки ба волидайнаш некӣ кунад, **«Ва ин шуморо ба он тавсия (васият) кард, бошад, ки тақво намоед»** (Анъом, 6: 144, 153), яъне анҷоми онро аз шумо хост ва **«Иброҳим фарзандони хешро ба он тавсия (васият) кард ва Яъқуб ҳам»** (Бақара, 2: 136), яъне аз фарзандонашон анҷом ва ҳифзи онро талаб карданд. Дуюм, талаби кор ё чизе пас аз вафот, ба мисли фармудаи Худованд: **«Бар шумо, вақте касе аз шуморо марг ҳозир шавад, агар хайр (мол)-е боқӣ гузошта бошад, васият барои волидайн ва наздикон навишта шуд»** (Бақара, 2: 180) ва **«Пас аз васияте, ки ба он васият карда шавад»** (Нисо, 4: 12).

Васият дар истилоҳи уламои фиқҳ ба талаби анҷоми коре пас аз марг ихтисос ёфта, назди фуқаҳои ҳанафӣ он тамлик (ба мулк ё моликияти шахси дигар даровардан)-е аст, ки ба тариқи табарруъ сурат ва ба қисмате аз моли тарака тааллуқ мегирад, мусо биҳ мол бошад ё манфиат. Машрӯият ва ҷавози васият бо Китоб, Суннат ва иҷмоъ собит шудааст. Дар ояти маворис – таъйини саҳмҳои ворисон аз тарака омадааст: **«Пас аз ва-сияте, ки ба он васият карда мешавад ва дайн»** (Нисо, 4: 12).

Ислом бо арҷ ниҳодан ба талошҳои инсон дар касби моли ҳалол, барои баҳармандӣ аз ҳосили умраш, бо назардошти ниёзи вай ба хайру савоб ва пасандозҳои ухравӣ, ҷуброни костиҳои амал ва афзудан бар ҳасаноти худ ва ҷиҳати анҷоми некӣ ва дилҷӯие ба ёрон ва хешовандонаш ба вай иҷозати тасарруф дар сулси молашро ба тариқи васият додааст. Паёмбари акрам (с) мефармояд: **«Худованд бар шумо барои афзудан бар аъмолатон ва дар ривояте: дар ҳасанотатон ба сулси амволатон ҳангоми марг тасаддуқ намудааст** (иҷозати тасарруф дар онро ба шумо додааст), **пас онро ҳар ҷо ки хоста ё дӯст дошта бошед, бигузоред** (сарф намоед)!» (Сунани Ибни Моҷа, 2709; Муснади имом Аҳмад, 28030 (27482). Ҳадис бо лафзҳо ва аз роҳҳои гуногун ривоят шуда, бо шавоҳидаш ҳасан ва барои ҳуҷҷат шудан солеҳ аст).

Назди ҷумҳури фуқаҳои ҳанафӣ, моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ васият кардани шахсе, ки моле дорад, пеш аз марг ҷоиз ва амре ихтиёрӣ аст, яъне васият бар вай воҷиб нест, магар вақте бар вай ҳаққе нопардохта боқӣ монда бошад, ки ҷуз аз тариқи васият адо намегардад, пас васият кардан дар ин ҳолат бар вай воҷиб аст, ба монанди қарз, моли амонат ва ғ. Зеро бо вуҷуди оёт ва аҳодисе, ки дар баёни машрӯияти васият собит шудаанд, худи паёмбар (с) пеш аз вафот васияти молие на-

йит барои пардохти фидяи савму салот, кӯмаки хешовандони дуртар аз доираи меросбарӣ, пешбурди масолеҳи миллӣ (тарҳҳои иҷтимоӣ) ва дигар вақҳҳои шаръан дуруст мегардад ва метавонад то сеяки молашро фаро гирад. Вале он шомили васият ба корҳое, ки шаръан собит нашудаанд, намегардад.

Шариати ислом барои ҳифзи ҳуқуқҳои молии ворисон шахсро пеш аз вафот дар замони бемории маргаш аз ҳар гуна тасарруфоти молӣ маҳҷур – мамнӯъу-т-тасарруф ҳукм мекунад, зеро дар он ҳолат имкон дорад бар асари бехудиҳои сакароти марг ва ё ба умеди ҷуброни айёми гузашта табарруъ, бахшиш ва тасарруфи бештаре дар молаш намояд, ки ба зарари ворисон анҷомад. Ҳар сухане, ки дар он вақт нисбат ба харҷи молаш мегӯяд, пас аз маргаш ба ҳайси васият дар сулси он нофиз мегардад ва дар бештар аз он ба ризояти ворисон бастагӣ дорад.

Рукни васият ба мисли дигар қарордодҳои молӣ дар назди машоихи аҳноф иҷоб ва қабул аст. Вақте шахсе бахше аз молашро барои касе васият кард, он пас аз қабули шахси васиятшуда (мусо лаҳ) эътибори шаръӣ пайдо мекунад ва дар сеяки молаш нофиз мегардад, агар онро напазирад, ҳеҷ гуна васияте собит намешавад.

4. Ҳаққи ворисон, ки ба бақияи мол пас аз бароварди талаботи бандҳои боло тааллуқ мегирад, бояд бо андоза (саҳм)-ҳои муайяне, ки аз сӯи шаръ пешбинӣ шудаанд, дар байни ворисон тақсим шавад. Тақсими моли тарака пас аз фавти шахс барои эътибори шаръӣ пайдо кардани интиқоли моликият, тамаллуки ворисон ва ҳамин тавр ҳалол гаштани истифода аз он мол барои онҳо аз муҳимтарин фароизи илоҳӣ аст ва қонуни шаръ, ба ҷуз ҳуқуқ ва таллуққоти фавқ, ҳеҷ тасарруфи дигареро дар он, қабл аз тамаллуки ворисон ҷоиз надонистааст.[1]

Чу моли мурда хоҳӣ кард қисмат,
Ба нассу суннату иҷмои уммат.
Нахустин ҳаққи такфин асту таҷҳиз,
Қазои дайн аз ӯ пас, гӯ бувад низ.
Қазои дайн, чун кардӣ васият,
Ба мусо лаҳ деҳ сулси бақият!

Дар Қуръони карим ворисони соҳибфарз ба чаҳор даста: а) фарзандон, б) падару модар, в) зану шавҳар ва г) шахси калола тақсим ва саҳми мероси онҳо ба таври мушаххас муайян гардидааст.[2] Дар оятҳое, ки ба тақсими ме-

сияти ба рубъ аз васият ба сулс беҳтар аст (Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 10. – С. 477 – 478). Вақте шахс ба сулси молаш васият мекунад, дар тамоми ҳаққи шаръии худ тасарруф карда ва чизе аз онро барои ворисонаш боқӣ нагузоштааст. Ҳарчи буда, вақте шахс ба миқдоре аз молаш васият кард, он дар сулси моли тарака вуҷубан нофиз мегардад ва назди ҳамаи аҳли илм афзал аст, ки онро барои хешовандоне намояд, ки мирос намебаранд ва фақир ҳастанд.

[1] Ба чуз як маврид, ки Худованд дар ояти 8-уми сураи Нисо онро ёдовар шудааст: **«Вақте (ба ҳангоми тақсими тарака) хешовандон, ятимон ва мискинон ҳозир шавад, ба онҳо аз он ризқе диҳед ва ба онҳо сухани нек бигӯед!».**

[2] Фарзандон вақте аз асҳоби фароиз бошанд, барои як мард саҳме баробари ҳиссаи ду зан муайян гардидааст. Агар пас аз шахси фавтида танҳо ду духтар ё болотар аз он боқӣ монад, аз се ду ҳиссаи моли тарака ба онҳо тааллуқ мегирад. Агар ворисони шахси фавтида ду духтар бошанд, ба ҳар кадомашон аз се як ҳиссаи он мерасад, ки дар маҷмӯъ аз се ду ҳиссаро ташкил медиҳанд ва агар бештар аз ду нафар бошанд, ҳаққи умумии ҳамаашон низ аз се ду ҳисса аст, ки онро дар байнашон ба таври яксон тақсим менамоянд. Як ҳиссаи боқимонда ба дигар ворисон (ғайри фарзандон, агар вуҷуд дошта бошанд) мерасад. Аммо агар танҳо як духтар боқӣ монда бошад, пас нисфи тарака ҳаққи вай мешавад ва нисфи дигараш ба ворисони дигар (ғайри фарзандон) дода мешавад. Дар сурате, ки ғайр аз духтарон умуман, ҳеҷ гуна вориси дигаре надошта бошад, бақияи мол – як ҳисса ва ё нисфи он бар асоси қоидаи «радд» боз ба ҳамон духтарон баргардонида мешавад.

Меросбарии падару модар аз фарзанди фавтидаашон се ҳолат дошта, ҳаҷми саҳмашон дар ҳар ҳолат фарқ мекунад. 1. Агар падару модар вориси ӯ бошанд ва аз вай фарзанде ҳам боқӣ монда бошад, дар ин сурат ҳар кадоми онҳо аз шаш як ҳиссаи моли таракаро мерос мебаранд ва чаҳор ҳиссаи дигари он ба фарзанд ва ворисони дигараш мерасад, хоҳ як фарзанд боқӣ монда бошад, хоҳ бештар; чӣ писар бошад, чӣ духтар. 2. Агар ҳеҷ фарзанде надошта, танҳо падару модараш вориси ӯ бошанд, дар ин ҳолат модараш аз се як ҳиссаи моли меросро ҳақбар мешавад ва ду ҳиссаи дигар ба падар мерасад. 3. Агар фавтида илова бар падару модар бародар низ дошта бошад, дар ин ҳолат вуҷуди онҳо ҳаққи модарро дар мерос ба миқдори нисф кам мегардонад ва саҳми ӯро аз сеяк ба шашяк мерасонад ва инро ҳаҷби нуқсон гӯянд. Тамоми саҳмҳо ва ҳиссаҳои мазкур пас аз пас аз таҷҳизу такфин, пардохти қарзҳо ва баровардани васияти шахси фавтида ба ворисон дода мешаванд.

Тартиби меросбарии гурӯҳи сеюми ворисон – зану шавҳар: Шавҳар ду ҳолати меросбарӣ дорад, дар яке нисф ва дар дигаре аз чаҳор як ҳиссаи моли таракаи ҳамсари фавтидаашро ҳақбар мешавад. Агар зани фавтида

рос пардохта, барои асҳоби фароиз шаш фарз (саҳм)-и муайян пешбинӣ шудааст, ки дар умум ба ду гурӯҳ ҷудо ва ҳаққи онҳо ба моли тарака ба сурати нисф, рубъ (чаҳоряк), сумн (ҳаштяк) ё ба сурати сулсон (ду сеюм), сулс (сеяк) ва судс (шашяк) тааллуқ мегирад, яъне баъзе аз онҳо нисфгир, рубъгир ва сумнгиранд ва баъзе дигар сулсонгир, сулсгир ва судсгиранд.

Зи шаш фарзи муқаддар бештар нест,
Касе, к-инро надонад, бохабар нест.
Чу қисме нисфу рубъу сумн аз вай,
Дигар сулсону сулсу судс дар пай.

фарзанде надошта бошад, шавҳараш нисфи он моли тарокаашро мерос мебарад, вале агар аз худ фарзанде бар ҷой гузошта бошад, дар ин сурат шавҳар чаҳоряки он молро мерос мебарад. Дар ҳар ду ҳолат бақияи моли тарака ба ворисони дигар дода мешавад. Дар ин ҷо он фарзанд як нафар бошад ё бештар, писар бошад ё духтар, аз ҳамон шавҳараш бошад ё аз шавҳари қаблиаш, фарқе намекунад, онҳо дар тамоми ҳолатҳо саҳми шавҳарро аз нисф ба чаҳоряк мерасонанд (ҳаҷби нуқсон мекунанд).

Мард фавт намояд ва аз худ фарзанде бар ҷой нагузорад, дар ин ҳолат ҳамсараш аз чаҳор як ҳиссаи моли тарокаро ҳақбар мешавад, вале агар фарзанд дошта бошад, пас зан аз ҳашт як ҳиссаро мерос мебарад. Мард ё зан дар ҳоле вафот намояд, ки на падару модар ва на фарзанде бар ҷой гузошта бошад ва танҳо бародар ё хоҳари ахёфӣ (модарӣ) вориси ӯ бошад, дар ин ҳолат аз шаш як ҳиссаи моли мерос ба вай мерасад ва агар аз як нафар бештар бошанд, ҳама дар сулс (сеяк)-и он шарик мегарданд ва бақияаш дар ҳар ду сурат ба ворисони дигар (ғайри бародару хоҳар) дода мешавад. Аммо агар ғайр аз бародар ё хоҳари ахёфӣ ҳеҷ ворисе вуҷуд надошта бошад, пас бар асоси қоидаи «радд» бақияи мол низ ба вай баргардонида мешавад. Инро таракаи шахси калола гӯянд.

Аз он ҷо ки яке аз шартҳои истеҳқоқи мерос таҳаққуқи ҳаёт, яъне зинда будани ворис дар вақти вафоти меросгузор аст, фуқаҳои ислом ҳамл (тифле, ки дар батни модар аст)-ро аз таракаи маййит ҳақбар донистаанд. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте навзод (тифли нав ба дунё омада) садо баровард, (агар пас аз он бимирад) бар вай намоз гузорида мешавад ва мерос мебарад ё аз мерос дода мешавад»*** (Сунани Абудовуд, 2920;Сунани Ибни Моҷа, 1508). Бинобар ин, агар мард пас аз фавти худ зани бордор бар ҷой гузорад, агар таваллуди вай наздик бошад ва таъхири тақсими тарака ба зиёни ворисон наанҷомад, фуқаҳо беҳтар мешуморанд, ки тарака то замони зода шудани вай тақсим нагардад. Аммо агар вилодати вай дертар бошад, пас саҳме аз мерос барои он ҳамл нигаҳ дошта мешавад, дар сурате он ҳамл зинда ба дунё ояд, он саҳм ба вай тааллуқ мегирад ва агар мурда таваллуд шавад, саҳми ҳифзшуда дар байни ворисони дигар ба ҳамон тартибе, ки дар китоби Худо ва суннати расули акрам (с) муқаррар гардидааст, тақсим карда мешавад. Вале аз он ҷо ки духтар ё писар будани ҳамл маълум нест, пас саҳми кадоме аз онҳо бештар бошад, он нигаҳ дошта мешавад.

Ҳолати меросбарии ҳамл, аз як сӯ, ба вуҷуд ва адам ва аз сӯи дигар, ба писару духтар ва гоҳе ба танҳо ё чандгоник будани вай бастагӣ дорад. Бинобар ин, тақсими таракае, ки дар байни ворисон ҳамл вуҷуд дошта, пеш аз таваллуди вай тақсими ниҳоӣ ба шумор намеравад ва фуқаҳо аз боби эҳтиёт ва риояи ҳуқуқи ҳамл тақсимоти ибтидоиро дар ин бора пешбинӣ намудаанд. Натиҷаи мухталиф будани ҳолоти мутааллиқ ба ҳамл фуқаҳо дар миқдори саҳме, ки аз моли тарака барои вай нигаҳдорӣ мешавад, ихтилофи назар доранд ва қавли маъмулун биҳ дар мазҳаби ҳанафӣ, назари имом Абуюсуф (рҳ) аст, ки дар боло зикр шуд. Масоили ин боб ва тақсими тарака пеш аз таваллуди ҳамл ҳолатҳо ва суратҳои гуногун дорад, ки дар китобҳои соҳавӣ бозгӯ мегарданд

Агар шавҳар дар давраи иддаи занаш аз талоқи раҷъӣ вафот намояд, бо иттифоқи фуқаҳои ҳамаи мазҳабҳои аҳли суннат иддаи он зан аз иддаи талоқ ба иддаи вафот табдил меёбад ва аз шавҳари фавтидааш мерос мебарад, зеро дар муддати идда аз талоқи раҷъӣ ҳанӯз баъзе пайвандҳои заношавҳарӣ (ва ба гуфтаи баъзе фуқаҳо, ин пайвандҳо аз кулли ваҷҳ) миёни онҳо боқӣ ҳастанд ва иддаи вафот ба он мепайвандад. Назди имом Абуҳанифа (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) Суфёни Саврӣ (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) агар марде дар бемории марг занашро бе талаб ва ризои вай талоқи боин намояд, онро дар истилоҳи фуқаҳо «талоқи форр» мегӯянд, иддаи зан эҳтиётан ба абъадулаҷалайн (дуртарин муҳлати идда) аз иддаи талоқ ё вафот табдил мешавад ва аз шавҳараш мерос мебарад. Аммо агар мард дар замони сиҳҳати худ ё дар бемории марг, вале бо талаби зан ӯро талоқи боин намояд ва дар муддати иддаи зан бимирад, бо иттифоқи назари фуқаҳо иддаи он зан ба иддаи вафот табдил намеёбад, балки вай иддаи талоқро комил месозад ва аз шавҳарш мерос ҳам намебрад, зеро миёни онҳо ҷудоии комил ва аз тамоми ваҷҳҳо сурат гирифтааст.

Афзунӣ ё камии саҳми мерос барои ворисони гуногун аз назари таълимоти ислом бар асоси дараҷаи қаробат ва дурнамои онҳо дар зиндагӣ пешбинӣ шудааст, бинобар ин, қаробати касе ба шахси фавтида наздиктар бошад, бо назардошти дурнамои вай дар зиндагӣ саҳми бештаре барои ӯ муайян гардидааст. Бар ҳамин асос, баъзе хешовандоне, ки қаробати дуртаре ба шахси фавтида доранд, аз доираи меросбарӣ берун мондаанд, вале агар касе аз онҳо дар вақти тақсими тарака ҳузур ёбад, пас хуб аст, ки хотири ӯро бо эҳдои чизе ва гуфтани суҳани неке шод гардонанд.

Тартиби меросбарӣ ва ҳаҷми саҳми падару модар ва фарзандонро Худованд бо ҳикмати азалии хеш бар асоси наздиктарин дараҷоти қаробате, ки ба шахси фавтида доранд ва нафъашон барои ӯ наздиктар ва бештар аст, муайян сохта ва дар сурати ҷамъ омадани ҳар ду гурӯҳ барои фарзандон ҳиссаи бештаре муқаррар намудааст.

Махраҷи ҳар фарзе аз навъҳои шашгона адади мусаммо ба он аст, махраҷи сулсон ва сулс се (салоса), махраҷи судс шаш (ситта), махраҷи рубъ чаҳор (арбаа), махраҷи сумн ҳашт (самония) ва махраҷи нисф ду (иснон) аст. Бинобар ин, ададҳое, ки асли масъала қарор гирифта, саҳмҳои ворисон аз онҳо берун оварда мешавад, иборатанд аз: 2, 4, 8, 3, 6, 12 ва 24.

Агар хоҳӣ, ки дарёбӣ махорич,
Яқин дон, к-аз ду гуна нест хорич.
Якеро нисфу рубъу сумн мехон,
Дигар сулсону сулсу судс медон!

Он гоҳ камтарин фарз (калонтарин махраҷ)-еро, ки дар масъала вуҷуд дорад, асли он қарор медиҳем ва ин вақте аст, ки ворисоне бо саҳмҳои гуногун дар он ҷамъ оянд, вагарна махраҷи ҳар масъала асли он қарор мегирад.

Зи ҳар қисм он чи бошад махраҷи кам,
Ҳамонро махраҷи афзун кунӣ ҳам.

Ворисон аз назари фиқҳӣ ба се гурӯҳ ё дараҷа тақсим мешаванд: 1. Асҳоби фароиз – ворисоне, ки барои онҳо дар Қуръон саҳми муайяне аз моли тарака таъйин гардидааст;

Касе к-ӯро бувад саҳме муқаддар,
Ту соҳибфарз медонаш муқаррар!

Асҳоби фароиз дувоздаҳ нафаранд, ки чаҳор нафари онҳо мард ва ҳашт нафарашон зан ҳастанд. Мардон иборатанд аз: падар, шавҳар, ҷадди саҳеҳ ва бародари модарӣ ва занон иборатанд аз: модар, ҷаддаи саҳеҳа, ҳамсар (зан), духтари сулбӣ (аз пушти худ), духтари писар, хоҳари аъёнӣ (аз падару модар, падарӣ ва модарӣ), хоҳари аллотӣ (аз падар, падарӣ) ва хоҳари ахёфӣ (аз модар, модарӣ).

Даҳу ду соҳиби ин шаш фузун нест,
Чаҳор аз марду ҳашт аз зан бурун нест.
Падар, пас ҷадду шавҳар ҳам аз ин аст,
Бародар модаришон чаҳорумин аст.

2. Асаба ва асабот дар луғат ба хешовандоне гуфта мешавад, ки аз тариқи падар ба шахс пайванди қаробат доранд ва дар истилоҳи уламои фароиз шахсоне бошанд, ки дар Қуръон барои онҳо саҳми муайяне аз мерос пешбинӣ нашуда ва онҳо дар ҳолати набудани асҳоби фароиз тамоми моли тарака ва дар ҳолати вуҷуди онҳо мобақияи онро пас аз саҳми асҳоби фароиз мерос мебаранд. Онҳо дар меросбарӣ пас аз асҳоби фароиз қарор мегиранд;

Касе яъне, ки саҳмаш нест маълум,
Магар боқӣ, ки монд аз фарз мақсум.
Зи соҳибфарз чу бигзаштӣ ба тартиб,
Бигирад мобақиро аҳли таъсиб.

Пас аз тақсими саҳми асҳоби фароиз, агар ворисе аз асаба вуҷуд надошта бошад, мобақияи тарака ҳама дубора ба асҳоби фароиз бо таносуб ба саҳмҳояшон рад карда (баргардонда) мешавад, ба ҷуз зану шавҳар, падар ва ҷад (бобӣ), ки назди аксари саҳоба, тобеин, имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Аҳмад мобақия ба онҳо рад карда намешавад. Назди уламои фароиз ин ҳолатро дар тарака радд гӯянд.[1] Назди ҷумҳури аҳли суннат

[1] **Радд** (ар. رَدٌّ) дар истилоҳи уламои фароиз ба маънои баргардонидани мобақия ё зиёдатии моли тарака пас аз баровардани саҳми асҳоби фароиз ба онҳо аст, муқобили авл. Ин масъала вақте пеш меояд, ки пас аз тақсими мерос бар асҳоби фароиз миқдоре аз он боқӣ монад, яъне аз саҳми онҳо зиёдатӣ кунад ва ғайр аз онҳо ворисони дигаре аз гурӯҳи асабот вуҷуд надошта бошад, ки ба онҳо дода шавад, дар чунин ҳолат бар асоси қоидаи радд бо ҳамон тафсил ва шартҳое, ки дар китобҳои ин ришта баён гардида, бақияи тарака ба асҳоби фароиз бо таносуб ба саҳмҳояшон баргардонида ва миёни онҳо тақсим карда мешавад. Бар асоси ин қоида аз асли масъала кам ва дар саҳми асҳоби фароиз афзуда мешавад.

Чу саҳмеро, ки баъд аз фарз монад,
Набошад мустаҳиққе, то ситонад.
Шавад бар ман юрадд қисмат дигар бор,
Хилофи Шофеъиву Молик ин кор.

а) Шахсе пас аз сари худ танҳо як духтар боқӣ гузошт, асли масъала дар тақсими тараками вай аз ду аст, зеро саҳми ин ворис ба андозаи нисфи тарака муайян гардидааст. Вақте нисф – аз ду як ҳисса (1/2)-и тарака ба вай дода шавад, нисфи дигари он (1/2) боқӣ мемонад, ки он низ ба сабаби набудани ворисе аз асабот ба вай рад карда мешавад. Пас дар ин ҳолат асли масъала аз ду ба як табдил мешавад ва саҳми ворис зиёд мегардад.

б) Шахсе вафот кард ва аз худ се духтар ва модар ба ҷой гузошт, саҳми духтарон сулсон (дусеюм – 2/3) ва саҳми модар аз шаш як (1/6) ҳиссаи тараками ташкил

медиҳад ва камтарин фарз (калонтарин маҳрач)-е, ки метавонад барои берун овардани саҳмҳои ҳамаи онҳо маҳраҷи муштарак гардад, шаш аст. Пас онро асли масъала қарор медиҳем ва саҳмҳоро ба ин шакл аз он берун меоварем: 4/6+1/6=5/6. Дар ин ҷо аз шаш як (1/6) ҳиссаи тарака аз саҳмҳои асҳоби фароиз зиёдатӣ мекунад ва чун ворисе аз асабот низ вуҷуд надорад, мобақияи тарака бар асоси қоидаи радд боз ба ҳамин ворисон бо таносуб ба саҳмҳояшон рад карда мешавад.

Авл (ар. عول) дар луғат ба маънои ҷавр ва зулм ва дар истилоҳи уламои фароиз зиёд кардан дар асли масъала ё афзудани маҳраҷи он ба сабаби зиёд будани саҳмҳои асҳоби фароиз аз он ва костан аз саҳмҳояшон дар тарака бо таносуб ба он зиёдатӣ аст, муқобили радд. Вақте дар таракае чанд ворис ҷамъ оянд ва маҷмӯи саҳми онҳо аз асли масъала зоид шавад, яъне асли он аз миқдори саҳмҳои эшон камтар ва барои иҳтивои он нокофӣ бошад, дар ин ҳолат авл сурат мегирад ва маҳрач (асл)-и он болотар бурда, яъне зоид карда мешавад. Маҳраҷҳое, ки барои саҳмҳои асҳоби фароиз кифоя намекунанд ва саҳмҳо аз онҳо зиёд мешаванд, ҳафтоанд ва бар асоси истиқро собит шуда, ки дар чаҳор маҳраҷи он авл намешавад ва дар се маҳраҷаш авл мешавад. Маҳраҷи ду, се, чаҳор ва ҳашт авл намепазиранд, зеро маҷмӯи саҳмҳои ворисон дар онҳо ҳеҷ гоҳ аз асли масъала зиёд намешавад ва маҳраҷи шаш, дувоздаҳ ва бисту чаҳор авл мешаванд.

Зи маҳрач фарзи ворис гар бувад беш,
Маҳориҷ авл кун, аз кас маяндеш!
Маҳориҷ ҷумла ҳафт омад, било қавл,
Ду севу чаҳору ҳашт, инро бидон авл!

Маҳраҷи 6 чаҳор бор – ду бор тоқ ва ду бор ҷуфт авл мешавад. Вақте маҷмӯи саҳмҳои ворисон дар таракае ҳафт саҳмро ташкил диҳад, асли масъала аз 6 ба 7, агар ҳашт саҳмро ташкил диҳад, ба 8, агар нуҳ саҳмро ташкил диҳад, ба 9 ва агар даҳ саҳмро ташкил диҳад, ба 10 авл мешавад ва он асли нави масъала қарор мегирад. Маҳраҷи 12 се авл дорад. Вақте маҷмӯи саҳмҳои ворисон дар масъалае сездаҳ саҳмро ташкил диҳад, асли он аз 12 ба 13, агар понздаҳ саҳмро ташкил диҳад, ба 15 ва агар ҳабдаҳ саҳмро ташкил диҳад, ба 17 авл мешавад. Маҳраҷи 24 назди ҷумҳури фуқаҳои ислом як авл дорад, ки он 27 аст, вале назди Ибни Масъуд (рз) он ду авл дорад ва метавонад ба 31 низ авл кунад.

Вале шашро бидеҳ ҳам току ҳам ҷуфт,
Агар авлаш кунӣ, ҷоиз тавон гуфт.
Даҳу ду авли он бо ҳафдаҳ ояд,
Вале гар ҷуфт гардад, менашояд.
Вале бар чаҳору ширин ҳам се зоид,
Шавад, не кам на афзун, авли воҳид.
Магар наздики Абдуллоҳи Масъуд,
Шавад бо сиву як ин авл мавҷуд.

Масъалаи авл аввалин бор дар замони хилофати Умар (рз) пеш омад. Дар тақсими таракаи зане, ки дар он шавҳар ва ду хоҳари аъёнӣ (аз падару модар)-аш ҷамъ омада буданд ва асл (махраҷ)-и масъала барои иҳтивои комили саҳмҳои эшон кифоя намекард (ба ин сурат ки вақте саҳми яке аз ин ворисон ба пуррагӣ дода мешуд, аз саҳми вориси дигар коста мешуд), Умар (рз) ба саҳобаи киром муроҷиат кард. Зайд ибни Собит (рз) ва Алӣ (рз) дар он ба авл машварат доданд ва бо ҳамин асл ё қоидаи авл дар масоили меросие, ки баровардани саҳми комили ҳар ворис аз асли тарака бо махраҷи асосӣ имкон надошта бошад, бо иҷмои саҳоба пазируфта шуд.

Мас., зане фавт кард ва ворисони зерин: шавҳар, модар, хоҳари аъёнӣ ва хоҳари аллотӣ аз вай боқӣ монданд. Дар ин масъала саҳми шавҳар нисф (1/2), саҳми модар шашяк (1/6), саҳми хоҳари аъёнӣ нисф (1/2) ва саҳми хоҳари аллотӣ аз шаш як (1\6) ҳисса барои такмили ду сеюм (2/3)-и саҳми хоҳари аъёнӣ мебошад. Дар ин масъала саҳмҳои ҷамъомада иборатанд аз: 1/2+1/6+1/2+1/6 ва асли масъала шаш дониста мешавад, зеро он барои ҳамаи касрҳои мавҷуд дар он махраҷ шуда метавонад. Саҳми шавҳар нисф (3/6), саҳми модар шашяк (1/6), саҳми хоҳари аъёнӣ низ нисф (3/6) ва саҳми хоҳари аллотӣ аз шаш як (1/6) ҳиссаи моли тарака ва маҷмӯи саҳмҳо аркоми зерро: 3/6+1/6–+3/6+1/6=8/6 ташкил медиҳад. Дар ин ҷо асли масъала, ки шаш аст, барои берун овардани тамоми саҳмҳо кифоят намекунад, балки саҳмҳо ба андозаи сулс (сеяк – 2/6) аз он бештар мебошанд. Пас бар асоси қоидаи авл, ба ҷои шаш ҳаштро асли масъала қарор медиҳем ва аз махраҷи авлӣ саҳми ворисонро ба ин шакл: саҳми шавҳар сеҳаштум (3/8), саҳми модар ҳаштяк (1/8), саҳми хоҳари аъёнӣ сеҳаштум (3/8) ва саҳми хоҳари аллотӣ аз ҳашт як ҳисса (1/8) берун оварда мешавад. Ба ин тартиб саҳмҳои тамоми ворисон мутаносибан кам мешаванд.

Хулоса, дар масоили меросие ба авл амал мешавад, ки ҳамаи ворисон дар қувват ё заъф бо ҳам баробар ва баровардани саҳми комили ҳамаи онҳо аз асли он имкон надошта бошад ва бо амал ба қоидаи авл зарар ё нуқсони пешомада ба ҳаққи ҳамаи ворисон бо таносуб ба саҳмҳояшон яксон тааллуқ мегирад.

Ҳаҷб (ар. حَجْب) дар луғат ба маънои манъ, сатр, пӯшонидан; манъ кардан, мастур ва пӯшида сохтан ва дар истилоҳи уламои фароиз куллан ё қисман мамнӯъ сохтан ва ё маҳрум гардонидани ворисе аз ҳаққи мерос аст ба сабаби вуҷуд доштани вориси қавитар. Ҳаҷб ду қисм аст: ҳаҷби комил, ки ба он ҳаҷби ҳирмон низ гӯянд ва ҳаҷби нуқсон. Ба ин маъно, ки гоҳе вориси қавитар вориси поёнтар аз худро ба таври комил аз дастрасӣ ба саҳми меросаш маҳрум мегардонад, яъне монеи дастрасии вай ба саҳми меросаш мегардад ва гоҳе ӯро аз қисмате аз саҳмаш маҳрум месозад ва ӯро аз як зинаи ҳаққи мерос (саҳми боло) ба зинаи поёнтар (саҳми камтар) мебарад. Вале дар ҳар ду сурат шахси маҳҷуб ворисияти худро аз даст намедиҳад, балки ҳамчун ворис боқӣ мемонад. Ҳаҷб дар ҷои худ ба ҳамаи ворисон: ҳам асҳоби фароиз ва ҳам асабот ва завиларҳом тааллуқ мегирад.

Мас., вақте маййит илова бар падару модар бародароне

низ дошта бошад, дар ин ҳолат вуҷуди онҳо ҳаққи модарро дар мерос ба миқдори нисф кам мегардонад ва саҳми ӯро аз сеяк ба шашяк мерасонад. Яъне вуҷуди бародарон ва хоҳарон вақте ду нафар ё аз он бештар бошанд, модарро ҳаҷби нуқсон ва ҳаққи ӯро дар мерос ноқис месозад. Аммо агар танҳо як нафар бародар ё хоҳар ворис бошад, вай модарро ҳаҷб карда наметавонад. Дар ҳолати вуҷуди падар ҷад (бобӣ) ба таври комил аз мерос маҳрум мегардад, яъне ҳаҷби ҳирмон мешавад.

Ворисон аз ҷиҳати қабул ё адами қабули ҳаҷби ҳирмон, яъне маҳҷуб шудан ва нашудан ба ҳаҷби ҳирмон ду навъ ҳастанд: 1. Ворисоне, ки ҳеҷ гоҳ ҳаҷби ҳирмон намешаванд, яъне дар ҳеҷ ҳолат аз саҳми меросашон ба таври комил маҳрум намегарданд ва вуҷуди вориси дигаре дар ҳиссаи мероси онҳо таъсир намегузорад. Онҳо иборатанд аз: падар, модар, шавҳар, ҳамсар, писар ва духтар. Ин шаш нафар ба шахси фавтида бевосита нисбати қаробат доранд ва вуҷуди ҳеҷ вориси дигаре онҳоро аз саҳми меросашон маҳрум гардонида наметавонад.

2. Ворисоне, ки ба сабаби вуҷуди вориси дигаре дар байни вараса аз мерос маҳрум мегарданд ва он тамоми ворисони дигарро, ғайр аз шаш вориси мазкур дар гурӯҳи аввал, шомил мешавад. Зеро онҳо бо маййит бевосита нисбати қаробат надоранд, балки он ба воситаи шахси дигаре бо вай пайвастааст. Пас вақте дар байни вараса он восита мавҷуд ва дар сабаби ирс (меросбарӣ) бо вай муттаҳид буда бошад, дар ин ҳолат аз мерос ба таври комил ва бо ҳаҷби ҳирмон маҳрум мегардад, зеро он ворис мустаҳиққи кулли тарака мегардад ва барои вай чизе боқӣ намегузорад, ба мисли ҷад, ки ба сабаби вуҷуди падар ё ҷадда (бибӣ), ки ба сабаби вуҷуди модар, бар асоси як буданашон дар сабаби ирс, аз мерос маҳрум мегарданд. Ҳамчунин вориси баъид (касе, ки бо маййит қаробати дуртаре дорад) ба сабаби вуҷуди вориси қариб аз мерос маҳрум мегардад, зеро вай дар истеҳқоқи ҳаққи мерос аз вориси баъид муқаддамтар аст. Ин ворисон ду ҳолат доранд: дар яке маҳҷуб мегарданд ва дар ҳолате мерос мебаранд.

Дар илми фароиз асл ё қоидаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки ба он «ҳирмон» ё «ҳаҷби ҳирмон» низ мегӯянд ва он ба маънои комилан маҳрум ва мамнӯъ гардидани шахс аз ҳаққи меросбарӣ ва бекор гардидани ворисияти ӯ мебошад. Ин ҳолат вақте пеш меояд, ки яке аз монеаҳои ирс дар вай ба вуҷуд омада бошад. Монеаҳои ирс аз се чиз: қатли ворис шахси меросгузорро, муртад гардидан, яъне аз дин баргаштани ворис ва риқ (ғуломӣ) иборат мебошанд. Бинобар тафовуте, ки дар маънои ин ду истилоҳ ва асл вуҷуд дорад, яке аз онҳо ҳаҷб ва дигаре ҳирмон ё ҳаҷби ҳирмон номида шудааст ва ҳаҷби ҳирмон ба ин эътибор аз ҳаҷби ҳирмон ба эътибори боло фарқ мекунад. Он аз мерос маҳҷуб ва ин мамнӯъ мебошад.

Фарқи байни онҳо дар ин аст, ки маҳҷуб дар ҳолати набудани шахси восита ё вориси қавитар саҳми худро аз мерос дарёфт мекунад ва шахси мамнӯъ дар ҳеҷ ҳолат аз таракаи маййит мерос намебарад, гарчи ҳеҷ вориси дигаре надошта бошад. Фарқи дигарашон ин аст, ки вориаз 12 нафар асҳоби фароиз танҳо 8 синфашон мустаҳиқ ё асҳоби радд ҳастанд: духтар, духтари писар, ҳоҳари абавайнӣ (аз падару модар), ҳоҳари падарӣ, ҳоҳари модарӣ, модар, ҷадда (биби)-и саҳеҳа ва бародари модарӣ. Ду синфи онҳо – зану шавҳар аз асҳоби рад хориҷ дониста шудаанд ва ду синфи дигар – падар ва ҷад (бобӣ) дар ҳолати вуҷуди фаръи муаннас барои мутаваффо (духтар, духтари духтар ё поёнтар аз он) ба тариқи фарз мерос мебаранд, яъне аз асҳоби фароиз ҳастанд ва дар айни ҳол ба тариқи таъсиб[1] низ мерос мебаранд ва мобақияи тараканро соҳиб мегарданд. Пас ба онҳо радд сурат намегирад, зеро аз тарака чизе боқӣ наземонад. Аз ин рӯ, баъзе муаллифон онҳоро дар зимни асҳоби радд, ки аз онҳо хориҷ ҳастанд, зикр кардаанд.

Дигар асҳоби таъсибанд маъдум,
Бақият ду шавад бар фарз мақсум.
Валекин бар зану бар шӯй рад нест,
Дигар з-инҳо, ки гуфтам, ҳеҷ (в)ад нест.

си маҳҷуб, гарчи аз саҳми худ дар моли тарака маҳрум гардида бошад ҳам, боз метавонад вориси дигареро бо фароҳам омадани шароити ҳаҷб ба таври комил ё ноқис маҳҷуб созад, вале шахси мамнӯъ дар байни вараса ҳукми маъдумро дорад ва вуҷуди вай касеро ҳаҷб карда наметавонад. Мас., а) зане вафот кард ва модар, шавҳар, ҷад ва бародарони модарӣ ворисони вай ҳастанд. Дар ин мисол шавҳар мустаҳиққи нисфи тарака аст ва бародарони модарӣ ба сабаби вуҷуди ҷад аз мерос маҳрум мегарданд, вале бо вуҷуди маҳрум гаштани худ модарро ҳаҷби нуқсон ва саҳми ӯро аз сулс (сеяк – 1/3) ба судс (шашяк – 1/6) интиқол медиҳанд. б) Шахси мусулмоне вафот кард ва аз ӯ ҳамсар, модар, ду бародари аллотӣ ва як писари ғайри мусулмон ба ҳайси ворисон боқӣ монданд. Назди уламои ҳанафӣ писари ғайри мусулмон ба сабаби ихтилоф дар дин – фарқ доштани дини вай аз дини меросгузор аз мерос мамнӯъ ва аз силки ворисон берун мегардад ва ҳеҷ вориси дигареро аз саҳми меросаш маҳҷуб сохта наметавонад. Дар ин мисол ҳамсар аз чаҳор як (1/4) ва модар аз шаш як (1/6) ҳиссаи мо-ли тараканро бар асоси фарз (соҳибфарз будан) ҳақбар ва бақияи онро бародарони аллотӣ бар асоси усубат (асаба будан) мерос мебаранд (Пуҳонд Абдулазиз. Аҳкоми мерос аз нигоҳи фиқҳ ва қонун. – Кобул, 1390 ш.).

Барои огоҳии бештар аз қавоид, усул ва ҷузъиёти дигари мерос, аз қабили авл, ҳаҷб, ҳирмон, махориҷ, тамосул, тадохул ва ғ. ба китобҳои ин соҳа муроҷиат шавад!

[1] Таъсиб истилоҳи фиқҳӣ, додани миқдор мозоди моли тарака аз саҳмҳои асҳоби фароиз ба асаба (хешовандон)-и маййит; аз хешовандони падари (асаба)-и маййит ба шумор омадани шахс.

3. Завиларҳом дар луғат ба мутлақи хешовандон ва қаробати насабӣ итлоқ шавад, зеро арҳом (ҷамъи раҳм) сабаби ин қаробат аст ва маҷозан ба онҳое гуфта шавад, ки аз тариқи модар ё духтар ба шахс пайванди қаробат дошта бошанд; дар истилоҳи уламои фароиз ба хешовандоне гуфта шавад, ки бо вуҷуди қаробаташон ба маййит, аз таракаи вай на ба тариқи фарз ва на аз роҳи таъсиб мерос намебаранд, балки дар ҳолати набудани ворисе аз асҳоби фароиз ва асабот аз он мерос мебаранд.[1]

Чу хешеро набошад фарзу таъсиб,
Завиларҳом бошад ӯ ба тартиб.[2]

Сабабҳо ва пайвандҳое, ки ҳаққи меросбарӣ дар ислом бар пояи онҳо бино ёфтааст, се чиз: а) насаб, б) завоҷ, в) вало мебошанд.

а) Сабаб ё қаробати насаб, ки яке аз асосҳои ба вуҷуд омадани ҳаққи меросбарӣ ба шумор меравад, ба ду бахш – усул ва фурӯъ тақсим мешавад. Манзури фақеҳон аз усул падару модар аст, ки барои фарзанд асл ба шумор мераванд ва мурод аз фурӯъ фарзандон ва дигар хешовандон аст.

б) Завоҷ ва ақди заношавҳарӣ низ дар шариати ислом ба ҳайси яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳаққи меросбарӣ пазируфта шудааст. Вақте марду зане бо ҳам издивоҷ намоянд, онҳо ба сабаби қаробати заношавҳарӣ аз якдигар мерос мебаранд.

в) Вало дар истилоҳи шаръ ба маънои қаробате мебошад, ки дар миёни шахс ва ғуломи озодкардааш ба вуҷуд меояд. Аз нигоҳи шариати ислом вақте шахсе ғуломашро озод менамояд, мавлои ӯ мегардад ва барояш ин заминаи ҳуқуқӣ пайдо мешавад, ки аз вай (ғуломи озодкардааш) мерос барад. Мероси ғуломи озодшуда, ҳарчанд хешу таборе дошта бошад ҳам, барои мавлояш собит аст.

ЗИЁРАТИ ҚУБУР

1. Зиёрати гӯристон яке аз суннатҳои маврусии ислом аст, ки дар байни наслҳои зинда ва таърихи гузаштагонашон пайванде барқарор месозад ва хотироти зиндагӣ ва корномаҳои эшонро дар зеҳнҳо зинда нигаҳ медорад. Бар асоси таълимоти суннат зиёрати гӯристон дар такомули шахсият, рушди авотифи неки инсонӣ, эҷоди риққату инсоф дар ботини ӯ ва аз ҳама муҳимтар дар эҷоди пайванди амиқи таърихӣ дар байни наслҳои як тамаддун нақши муассир дорад. Гузашта аз ин, мушоҳидаи манзараи таассурбарангези гӯристонҳои умумӣ, аз қабили қабрҳои фурӯрехта, устухонҳои пӯсида ва фазои хамӯши мурдагон ёди аъмоли анҷомдода ва бозхости рӯзи ҳисобро дар шахси зоир зинда месозад, замирашро таконе мебахшад ва бо ҳамин ӯро ба тарки давраи хоболудӣ ва гузори беҳудаи умр мутаваҷҷеҳ ва малакаи анҷоми корҳои некро дар замираш росих мегардонад.

Мунзури ислом аз зиёрати гӯристон ҳифз ва таҳкими сохтори арзишҳои эътиқодӣ, сафои зеҳнияти иҷтимоӣ ва рушди шахсияти динии мардум буда, барномаҳои маънави ва тадбирҳои маърифатии худро дар таносуб бо сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва зеҳнияти динии онҳо ба роҳ мондааст. Бинобар ин, паёмбари акрам (с) дар авоили ташаккули ҷомеаи мусулмонон дар Мадина зиёрати қубурро манъ намуда буд ва пас аз муддате онро ба таври умумӣ ва бо меъёрҳои мушаххаси шаръӣ иҷозат дод.

Аз баррасии фароянди таърихии ин суннати динӣ бармеояд, ки зиёрати қубур ба он

---

[1] Миёни фуқаҳои ислом ва аҳли мазоҳиб дар бораи завиларҳом ихтилофи назар вуҷуд дорад. Зайд ибни Собит (рз) ва фуқаҳои мутақаддими моликӣ ва шофеъӣ онҳоро дар моли мерос ҳақбар надониста ва моли меросмондаро дар сурати набудани ворисе аз асҳоби фароиз ва асабот ҳаққи байтулмол ҳукм кардаанд. Зеро дар бораи истеҳқоқи онҳо аз моли мерос насси сареҳе дар Китоб ва Суннат ворид нашудааст ва қиёс дар ин мавриди дахле надорад, яъне масоили мерос бо Китоб ва Суннат муайян гардидаанд ва дар коркарди онҳо ба қиёс амал намешавад. Умар (рз), Алӣ (рз) ва Абдуллоҳ ибни Масъуд аз саҳобагон, шумори зиёде аз тобеин, имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) завиларҳомро аз моли мерос ҳақбар дониста, дар ин бора ба далолати омми ояти: **«Ва улуларҳом дар китоби Худо баъзеашон ба баъзе авло ҳастанд»** (Анфол, 8: 75) ва ба далоили дигаре аз шаръ тамассук ҷустаанд.

Бигирад ҳар яке з-он моли маййит,
Хилофи Шофеъиву Зайди Собит.

[2] Ашъоре, ки дар мавзӯи мерос ва тақсими тарака оварда шудаанд, ҳама аз аз «Китобу-л-фароиз» ё «Рисола дар мерос»-и мавлоно Яъқуби Чархӣ (Душанбе: Адиб, 2011) иқтибос шудаанд.

шакле ки имрӯз аз сӯи баъзе мардуми авом ба ҷой оварда мешавад, ба гунае бо амалҳои хилофи шаръ танида ва аз мақосиди ҳасана ва ҳадафҳои фарҳангии ислом хеле дур шудааст. Дар он амалҳои шаръан нодуруст, ба монанди молидани дасту рӯй ба остонаи қабрҳо, баъзан бо мақсади табаррук ва шифоҷӯӣ хӯрдан аз хоки турбат, ки аз назари беҳдоштӣ ҳам зарар дорад ва тавоф дар гирди баъзе қабрҳо ба ҷои арзишҳои эътиқодӣ ва дурнамои фарҳангии мавриди назари ислом қарор гирифтаанд.

2. Ба зиёрати гӯристон рафтани мардон барои панд гирифтан ва ба ёд овардани охират ва ҳамчунин дуо барои гузаштагон дар назди аксари аҳли илм ва мазоҳиби аҳли суннат ҷоиз ва мустаҳаб аст ва беҳтар аст, ки рӯзи ҷумъа бошад. Ҳамчунин, зиёрати қабрҳои бузургони дин, ба шарте ки амали хилофи шариат аз шахси зиёраткунанда содир нашавад, мустаҳаб аст.[1] Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки *«паёмбар (с)-ро ҷустуҷӯ кардам, ӯро дар гӯристони Бақеъ ёфтам. Он ҳазрат (с) дуо карда, гуфт:* ***Ассалому алайкум, эй манзили мардуми муъмин! Шумо пешрафтаи моед ва мо ба шумо пайвастшаванда. Худоё, моро аз ачрашон маҳрум ва пас аз онҳо мафтун нагардон!»***.[2] Расули Худо (с) дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Шуморо (қаблан) аз зиёрати қубур наҳӣ карда будам, ҳоло онҳоро зиёрат кунед!. Зеро он (марг ва) охиратро ба ёди шумо меоварад».***

3. Зиёрати қубур барои занон назди баъзе аимма макрӯҳ аст, зеро расули Худо (с) фармуда: ***«Худо завворот (занони зиёд зиёратгар)-и қубурро лаънат намояд»,***[3] аммо аз назари машоихи ҳанафӣ он барои занон низ вақте барои панд гирифтан ва раҳмат фиристодан бар мурдагон бошад, ҷоиз ва мустаҳаб аст ва онҳо ҳам дар ҳукми ҳадиси аввал, ки дар он ба зиёрати қубур тарғиб шуда, шомил ҳастанд[4] ва лаънат шудани завворoти қубур қабл аз изни умумӣ буда. Ҳамчунин ривоят шуда, ки Оиша (рз) вақте ба Макка омад, ба зиёрати қабри бародараш Абдурраҳмон рафт.[5] Ба гуфтаи Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 4. – С. 18) ва соҳиби Туҳфаи Аҳвазӣ (Ҷ. 4. – С. 154) вақте зан аз фитна эмин бошад, зиёрати қубур барояш аз назари аксари аҳли илм ҷоиз аст, вале агар барои таҷдиди ҳузну андӯҳ ва нолаву фиғон бошад, макрӯҳ аст ва дар ҳукми ҳадиси дуюм – лаънат шудани завворoти қубур дохил мешаванд.

4. Аз қафои мурда ва дар ташйеъи ҷаноза рафтани занон назди ҷумҳури аҳли илм кароҳияти танзеҳӣ дорад, зеро аз Уммиатия (рз) ривоят шуда, ки: «Аз иттибоъ (рафтан аз пушт)-и ҷанозаҳо наҳӣ шудем, вале на ба таври қатъӣ».[6] Ва назди машоихи ҳанафӣ бино ба фармудаи Радд бар Дурр (Ҷ. 3. – С. 162) бо истинод ба ҳадисе, ки дар Сунани Ибни Моҷа (1578) бо санади заъиф ривоят шуда, кароҳияти таҳримӣ дорад.

Аммо зиёрати қабри паёмбари акрам (с) дар назди тамоми мазоҳиб барои занон низ ҷоиз ва мустаҳаб аст ва дар умуми далелҳои тарғибкунанда ба он шомил ҳастанд.

5. Аз назари машоихи ҳанафӣ мустаҳаб аст, ки шахси зоир зиёрат ва дуоро истода (росто) анҷом диҳад ва дар вақти дуо, бинобар ончи дар Шарҳи Муня (С. 511) таҳрир ёфта, ба қибла рӯй оварад ва ба гуфтаи соҳиби Фатҳ, рӯй ба сӯи мурда ва пушт ба қибла дӯо мекунад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 3.

---

[1] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Шуморо (қаблан) аз зиёрати қубур (гӯристон) наҳӣ карда будам, ҳоло онҳоро зиёрат кунед. Зеро он (марг ва) охиратро ба ёди шумо меоварад»*** (Саҳеҳи Муслим, (977)-106; Сунани Абудовуд, 3235; Сунани Насоӣ, 2031; Сунани Ибни Моҷа, 1571).

Аз ин иршоди набавӣ бармеояд, ки зиёрати гӯристон касро ба сӯи салоҳ ва андешаи охират раҳнамун мегардад. Чӣ басо одамони худкома, бадрафтор ва сатҳнигар бо мушоҳидаи саҳнаи марг, рафтан аз дунё ва хомӯшии таассурбарангези қабристон ба сар меоянд ва дар фикри ислоҳи худ мешаванд. Зеро он манзили ҳамешагии ҳама аст.

[2] Саҳеҳи Муслим, 583 (249)-39; Сунани Абудовуд, 3237; Сунани Тирмизӣ, 1053; Сунани Насоӣ, 150; Сунани Ибни Моҷа, 1546, 1547. Ин ҳадис аз Абуҳурайра (рз) ва Ибни Аббос (рз) низ ривоят шудааст. Дар ривояти Тирмизӣ аз Ибни Аббос (рз) омадааст: *«Расули Худо (с) аз назди гӯристони Мадина гузашт ва рӯй ба он оварда фармуд:* ***Ассалому ъалайкум, эй аҳли қубур!. Худо мо ва шуморо мағфират намояд. Шумо салаф (ва пешгард)-и моед ва мо аз пайи шумо»***.

[3] Сунани Тирмизӣ, 1056.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 178, ба нақл аз Хайри Рамлӣ.

[5] Сунани Тирмизӣ, 1055.

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 313, 1278; Саҳеҳи Муслим, 2163, 64 (938)-34, 35; Фатҳулборӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 4. – С. 18.

– С. 168),[1] зеро расули Худо (с) дар зиёрати Бақеъ истода дуо мекард: ***«Ассалому ъалайкум аҳлад-диёри мина-л-муъминина ва-л-муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лалоҳиқун, насъалуллоҳа лано ва лакум алъофияҳ».***[2] Ҳам-ӯ овардааст, ки гузоштани даст бар қабр (барои табаррук ё таваддуд – дилсӯзӣ ва изҳори муҳаббат ва ё тараҳҳум) бидъати макрӯҳа аст, ки на аз саҳобае ва на аз имоми муътамаде дар бораи он асаре собит нашудааст (Ҳамонҷо. – С. 511). Истиломи он низ дар суннат собит нашуда ва истилом танҳо барои Ҳаҷаруласвад ва рукни ямонӣ собит аст.

6. Барои зиёрати қубур гӯристони оммаи мусулмонон ва он ҷое ки дӯстон ва пайвандони шахси зоир дафн шудаанд, афзал мебошад. Сафар кардан – раҳл барбастан барои зиёрати қубури солеҳон ва бузургони дин назди ҷумҳури аимма, ба монанди сафар барои талаби илм, барои касби ризқ ва ғ. ҷоиз аст, зеро он бо иҷмоъи уммат аз ҷумлаи мустаҳаббот ба шумор меравад ва ҳар амре, ки шаръан собит шуда бошад, сафар кардан барои он ҷоиз аст ва дар наҳйи ҳадиси: ***«Ло тушадду-р-риҳолу илло ило салосати масоҷида...»***, шомил намегардад. Аммо аз назари баъзе шофеъиҳо, ба монанди имоми Ҳарамайн Абумуҳаммади Ҷувайнӣ, қозӣ Ҳусайн, қозӣ Иёз ва дигарон ва Ибни Таймия аз ҳанбалиҳо сафар барои зиёрати қубур шомили наҳй дар ҳадиси фавқ мегардад ва ҷоиз нест.[3]

Қавли ахир бо ин ривоят низ таъйид шуда, ки вақте Абуҳурайра (рз) аз сафари Тӯр баргашт, Абубасраи Ғифорӣ (рз) аз вай пурсид: Аз куҷо баргаштӣ? Гуфт: Аз сафари Тӯр, дар он ҷо намоз гузоридам! Абубасра (рз) гуфт: Агар туро пеш аз ин медидам, ба он ҷо сафар намекардӣ, аз расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: ***«Раҳлҳо баста намешаванд, магар ба сӯи се масҷид...»***[4] ва Абуҳурайра (рз) низ назари ӯро дар ин тавҷеҳ таъйид намуд. Ин ривоят, ки сафар ба Тӯр бо сароҳат дар он наҳй шудааст, аз сӯи муҳаддисон ва ҷумҳури аиммае, ки онро ҷоиз медонанд, тавҷеҳоти гуногуне шудааст.

САВОБИ ТОАТҲО ВА ДИГАР АМАЛҲОИ ХАЙР

Қурбатҳо (тоатҳо) ба се қисм ҷудо мешаванд: а) Қисме, ки таҳдоб ва раъси тамоми тоатҳо ба шумор меравад ва Худо онро ба ҳар бандаи муъмин хос гардонида, интиқоли онро ба дигарон иҷозат надодааст, ба монанди имон ва тавҳид. Банда наметавонад имон ва ё тавҳиди худро ба дигар (кофир)-е бибахшад, то вай бо ин имон наҷот ёбад; б) қисме, ки бахшидани савоби он бо иттифоқи тамоми уламо ба дигарон ҷоиз аст, ба монанди қурбатҳои молӣ, аз қабили садақа, бинои масҷид, сохтани роҳ, кандани чоҳ ва дигар амалҳои хайр; в) қисме, ки дар дуруст будан ва ё набудани бахшидани савоби он ба дигарон дар байни уламо ихтилофи назар вуҷуд дорад, ба монанди қурбатҳо – ибодатҳои баданӣ. Назди бузургони ҳанафӣ ва ҳанбалӣ бахшидани савоби намоз, рӯза, ҳаҷ, тиловати Қуръон ва ғ. ба шахси дигар – зинда бошад ё мурда ҷоиз аст ва барояш нафъ дорад.

Косонӣ мефармояд: Касе рӯза дорад, намоз гузорад ё садақа кунад ва савобашро ба дигаре

---

[1] Дар Шарҳи Муня пас аз зикри қавли матн омадааст: Ва ба қавле рӯ ба сӯи ваҷҳи мурда меистад ва ин қавли Шофеъӣ аст. Ва чунин каломе дар зиёрати (қабри) паёмбар (с) низ гуфта шудааст (Шарҳу-л-Муня. – С. 511. – Чопи сангӣ, бе зикри ҷой ва соли чоп). Аммо дар Фатҳ ва Радд омадааст: Аз одоби зиёрат он аст, ки зоир, агар имкон дошта бошад, аз тарафи пойҳои мурда биояд, на аз ҷониби сараш, зеро он барои чашмонаш мутъиб (хастагиовар) аст. Пас дар ин сурат китфи чапаш ба сӯи қибла мебошад. Имом Абуҳанифа (рҳ) аз Ибни Умар (рз) ривоят мекунад, ки фармуд: Аз суннат (суннати саҳоба ва тобеини эшон) аст, ки аз сӯи қибла ба назди қабри паёмбар (с) биойӣ ва пушти худ ба қибла ва рӯи хеш ба ҷониби қабр биоварӣ, сипас бигӯӣ: Ассалому ъалайка айюҳа-н-набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу (Синдӣ, Муҳаммадобид. Тартиби Муснади Имоми Аъзам, 255. – Карочӣ: Мактабатулбушро, 2010; Муснаду Абиҳанифа (ба ривояти Ҳорисӣ), 100. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2008; Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 168–169). Ва инро дар умуми зиёроти қубур гуфтаанд (Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 169). Пас бар асоси ин ривоят рӯ ба сӯи мурда ва пушт ба қибла дуо кардан ҷоиз аст.

Нишаста дуо кардан низ ҷоиз аст. Дар Радд овардааст: Он гоҳ истода ва дарозтар дуо мекунад ва агар бинишинад, бар ҳасаби мартабааш дар замони ҳаёти шахси фавтида, аз қабр дуртар ё наздиктар менишинад (ва дуо мекунад) (Ҷ. 3. – С. 179).

[2] Саҳеҳи Муслим, 583 (249)-39.

[3] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 24. С. 89; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 2. – С. 294-296.; Ҳошияи Синдӣ бар Насоӣ, зайли ҳадиси 700. – Ҷ. 2, бахши дуюм. – С. 38; Фатҳулборӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Ҷ. 3. – С. 600-608.

[4] Муснади имом Аҳмад, 23850.

– зинда бошад ё мурда, бибахшад, ҷоиз аст ва савобаш бино ба ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат ба вай мерасад. Ривоят шуда, ки марде ба паёмбар (с) гуфт: Модарам ногоҳ вафот кард ва фикр мекунам, агар сухан мегуфт, ба садақа амр мекард. Оё аз ҷониби вай садақа намоям? Фармуд: ***«Оре, аз сӯи вай садақа кун!».***[1] Амали мусулмонон аз замони расули Худо (с) то имрӯз бар зиёрати қубур, қироати Қуръон бар он, кафан кардани мурдагон, садақа кардан, намоз хондан, рӯза доштан ва бахшидани савоби онҳо ба мурдагон маъмул ва марсум аст.[2]

Назди машоихи моликӣ ва шофеъӣ бахшидани савоби ин ибодатҳо ба дигаре ҷоиз нест ва ҳеҷ гуна савобе аз он ба мурда намерасад. Худованд фармуда: **«Ва барои инсон набошад, магар он чи, ки барояш саъй карда»**[3] ва паёмбар (с) фармуда: ***«Вақте банда бимирад, амалаш аз вай канда гардад, магар аз се чиз: садақаи ҷория, илме, ки аз он нафъ бурда шавад ва фарзанди солеҳе, ки барояш дуо кунад».***[4] Бахшидани савоби дигар амалҳои хайр – ғайр аз ибодатҳои номбурда ҷоиз аст.

НИЁБАТ ДАР ТОАТҲО

Қурбатҳое, ки раъси тамоми ибодатҳо ба шумор мераванд, ба монанди имон ва тавҳид, ниёбат дар онҳо ҷоиз нест – касе наметавонад аз ҷониби шахси дигаре имон оварад ва ё эълони тавҳид намояд.

Ибодатҳо аслан се навъанд: а) бадании маҳз, ба монанди намоз, рӯза, тиловати Қуръон ва ғ., б) молии маҳз, ба монанди закот, ушр, каффоратҳо ва ғ., в) муракаб, ки дорои ҳар ду ҷанбаи баданӣ ва молӣ ҳастанд, ба монанди ҳаҷ ва умра.

1. Назди ҷумҳури фуқаҳои мазоҳиб дар ибодатҳои бадании маҳз ниёбат дар замони ҳаёти шахс ҷоиз нест, яъне ҷоиз нест, ки касе аз ҷониби шахси дигаре намоз бихонад, рӯза бигирад, тиловати Қуръон намояд. Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст: *«Касе аз ҷониби каси дигаре намоз намегузорад ва касе аз ҷониби каси дигаре рӯза намедорад»*.[5] Пас аз вафоти шахс низ ниёбатан анҷом додани онҳо назди машоихи ҳанафӣ, моликӣ, Суфёни Саврӣ (рҳ) ва худи имом Шофеъӣ (рҳ) ҷоиз нест ва дар ҳаҷ, ки ибодати молӣ ва баданӣ аст,[6] агар ба он васият карда бошад, назди онҳо ҷоиз аст.[7] Ба ақидаи Ибни Абдулҳакам – фақеҳи моликӣ ҷоиз аст, ки вориcони шахси фавтида касеро иҷора намоянд, то намозҳои фавткардаашро ба ҷой оварад.

Назди аиммаи ҳадис ва муҳаддисони мазҳаби шофеъӣ дар зоҳиртарин қавлашон валӣ ва вориси шахси фавтида метавонад рӯзаи қазоро аз ҷониби вай ба ҷой оварад, зеро дар ҳадисе собит шуда, ки: ***«Касе фавт кунад ва бар вай рӯзае боқӣ монда бошад, валияш аз ҷониби вай рӯза дорад!».***[8] Ба гуфтаи Тирмизӣ пас аз ривоя-

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1388, 2760. Дар бораи расидани савоби садақаи зиндагон ба мурдагон аҳодиси зиёде ривоят шудааст. Аз ҷумла ривоят шуда, ки Саъд ибни Убода вақте модараш фавт мекунад, боғеро аз ҷониби вай садақа мекунад (Саҳеҳи Бухорӣ, 2756, 2762, 2770).

[2] Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 3. – С. 270-271.

Садақа вақте тибқи меъёрҳо ва дар роҳҳои пешбинамудаи шаръ бароварда шавад ва дар он шартҳои сиҳҳат ва шароити қабул фароҳам омада бошанд ва аз омилҳо ва ё амалҳои ботилкунанда холӣ бошад, иншоаллоҳ, савоб ва нафъаш ба мурдагон мерасад.

[3] Сураи Наҷм, 53: 39.

[4] Саҳеҳи Муслим 4199 (1631)-14.

[5] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 33. С. 101, ба нақл аз Сунани Куброи Насоӣ, 2/341 ва санадашро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар Талхиси ҳабир саҳеҳ гуфтааст.

[6] Ривоят шуда, ки зане гуфт: Эй расули Худо (с), ... модарам ҳаҷ нокарда вафот кард. Фармуд: ***«Аз ҷонибаш ҳаҷ кун!»*** (Саҳеҳи Муслим, 2692 (1149)-157).

[7] Агар шахси фавтида ба он васият накунад, вале вориcонаш онро аз ҷониби вай табарруан ба ҷой оваранд ва ё касеро ба ниёбат аз вай аз сулси моли тарака ба ҳаҷ фиристанд, назди машоихи ҳанафӣ ҷоиз аст ва назди моликиён бо кароҳият ҷоиз мегардад.

Аз сӯи дигар, дар сиҳҳати анҷоми таколиф ва илтизомоти шаръӣ, ба хусус ибодатҳои баданӣ, хоҳ бо амри шаръ бар банда воҷиб гашта бошад, хоҳ онро банда бо назр бар худ воҷиб гардонида бошад, доштани ирода ва ихтиёр, яъне доштани қудрати анҷом додан ва шоистагии ният кардан шарт аст. Вақте банда бимирад, аъмол ва таколифи шаръ аз вай қатъ мегарданд ва чун аз ҷониби вай ниёбатан анҷом дода шаванд, шарти сиҳҳат, яъне ният дар онҳо таҳаққуқ наёфтааст. Бинобар ин, ниёбат пас аз марг дар онҳо ҷоиз нест ва қурбатҳои шаръ аз ҷониби анҷомдиҳанда воқеъ мешаванд ва метавонад савобашро ба шахси фавтида бибахшад. Аммо он моле, ки аз банда ба мерос мемонад, ҷабран ва бо амри шаръ ба вориcон тааллуқ мегирад ва вай пеш аз марг ҷуз ихтиёр ва ҳаққи васият карданро дар он надорад. Ба ҷой овардани васият бошад, табарруъ ва амали ҷавонмардонае аз сӯи вориcон ба шумор меравад, пас он дар яксеюми моли тарака нофиз мебошад.

[8] Саҳеҳи Бухорӣ, 1952. Ба андешаи ҷумҳур бар асо-

ти ҳадиси фавқ қавли имом Аҳмад ва Исҳоқ бо истинод ба ҳадиси фавқ (Ибни Аббос) он аст, ки агар бар шахси фавтида рӯзаи назр бошад, валияш аз ҷониби вай рӯза медорад ва агар бар вай қазои рамазон бошад, бо истинод ба ҳадиси Ибни Умар (рз) валияш аз ҷониби вай ба ҷои ҳар рӯзе ба мискине фидя медиҳад. Аз Ибни Умар (рз) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Касе бимирад ва бар вай рӯзаи моҳе боқӣ монда бошад, (валияш) аз ҷониби вай ба ҷои ҳар рӯзе мискинеро таом бидиҳад!».***[1]

Фуқаҳои мазоҳиб дар бораи рӯзаи назрӣ, ки аз ибодатҳои баданӣ аст, бо ҳам ихтилофи назар доранд. Назди машоихи ҳанафӣ ва моликӣ ниёбатан анҷом додани он ҷоиз нест[2], балки валӣ ё ворисаш ба ҷои ҳар рӯзи он мискинеро таом медиҳад, агар ба он васият карда бошад, онро вуҷубан ва аз яксеюми моли тарака пардохт менамояд ва агар васият накарда бошад, онро метавонад табарруан аз ҷониби вай пардохт намояд.[3] Назди имом Шофеъӣ (рҳ) дар мазҳаби қадимаш валӣ ба ҷои вай рӯза медорад, ба он васият карда бошад ё не ва назди ҳанбалиён, агар мутаваффо аз худ таракае боқӣ гузошта бошад, ба ҷой овардани рӯзаи назрӣ аз ҷониби вай воҷиб аст. Мустаҳаб аст, ки онро худи валиаш ба ҷой оварад ва ҳам метавонад ба касе аз моли вай ба унвони фидя пардохт кунад, то аз ҷониби вай рӯза дорад. Аммо агар таракае аз худ боқӣ нагузошта бошад, рӯза доштан аз ҷониби вай воҷиб нест, балки валӣ ё ворисонаш метавонанд аз рӯи истеҳбоб ва ба тариқи сила аз ҷониби вай рӯза доранд.[4]

Ин ихтилофи аимма ба он хотир аст, ки баъзе ривоятҳо ва осори воридшуда дар ин замина аз паёмбар (с) ва саҳобаи киром (рз) ба ҷоиз будан ва баъзе ба ҷоиз набудани он далолат мекунанд.

2. Дар ибодатҳо ва қурбатҳои молии маҳз, ба монанди закот, садақаи фитр, вақф, васият ва ғ. бо иттифоқи тамоми аимма дар ҳолати солимӣ, ки шахс ирода ва ихтиёр дорад ва дар ҳолати беморӣ (зарурат), ки ҳанӯз ирода ва ихтиёр аз дасташ нарафтааст, ниёбат ҷоиз аст ва ҳамон гуна ки худи шахс метавонад онҳоро анҷом диҳад, шахси дигаре низ метавонад онҳоро ниёбатан аз ҷониби вай адо намояд. Вале пас аз марг назди аиммаи ҳанафӣ дигар ниёбатпазир нестанд, аммо онҳо аз моли ба мерос гузоштаташ ба андозаи воҷиб бароварда мешаванд.

3. Аммо ибодатҳо ва қурбатҳое, ки ҷанбаи молӣ ва баданӣ ҳар ду дар онҳо гирд омадааст, ба монанди ҳаҷ, назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ ниёбат дар онҳо дар ҳолати узр (ба ҳангоми аҷз аз анҷоми онҳо, яъне аз даст додани иститоати баданӣ) ҷоиз аст,[5] вале бино бар қавли роҷеҳ назди моликиён ниёбат дар он низ ҷоиз нест.

Фуқаҳои ҳанафӣ дар бораи ибодати бадании

си ривоятҳои саҳеҳ ин ҳадис дар бораи рӯзаи вафонашудаи назрӣ собит шудааст ва дар ривояте аз Шайхайн (Саҳеҳи Бухорӣ, 1953; Саҳеҳи Муслим, 2691 (1148)-156) бо сароҳат ибораи: «Бар вай рӯзаи назр аст», омада ва имом Аҳмад сабаби он назрро низ баён кардааст. Пас қазои рӯзаи рамазонро, вақте бо насси сареҳ собит нашуда бошад, ба он наметавон қиёс кард.

[1] Сунани Тирмизӣ, 718; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 463-465.

[2] Имом Молик (рҳ) дар балоғоти худ фармудааст: *«Аз ҳеҷ касе дар Мадина нашунидам, ки касе аз саҳоба ва тобеин касеро ба рӯза доштан ва ё намоз хондан аз ҷониби шахси дигаре амр карда бошанд»* (Муваттаъ. ; Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 364).

[3] Аҳодиси ривоятшуда дар бораи рӯза доштани валӣ аз ҷониби шахси фавтида дар рӯзаҳои назрӣ аз рӯи санад ва матн ҳар ду саҳеҳ ҳастанд, вале назди машоихи ҳанафӣ амал ба онҳо мансух гардидааст, зеро охирин амале, ки амри шаръ дар ин бора бар он муқаррар гашта, дуруст набудани рӯза дар ин маврид ва додани фидя ба ҷои он аст, чуноне аз Ибни Умар (рз) дар матн ривоят шуд. Илова бар ин, назди муҳаддисони мазҳаб ва порае аз муҳаддисони дигар фатвои ровии ҳадисе бар хилофи ривояташ дар баъзе мавридҳо далели насхи он ва дар баъзе мавридҳо далели сарфи амр аз вуҷуб ба афзалият аст. Дар ин ҷо Ибни Аббос (рз) яке аз ровиёни ҳадис дар ин бора (Саҳеҳи Бухорӣ, 1952), бар хилофи он фатво додааст.

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 40, зайли моддаи «назр».

[5] Вақте барои касе ҷанбаи баданӣ – қудрати анҷом додани ҳаҷ муяссар бошад, бояд онро худаш ба ҷой оварад ва ниёбат дар он ҷоиз нест, аммо агар ба сабаби пирӣ ва ё беморие аз анҷоми он оҷиз гардад, пас ба эътибори ҷанбаи молиаш ниёбат дар он ҷоиз мегардад. Ривоят шуда, ки зани хасъамие пурсид: Эй расули Худо (с), падарамро фаризаи ҳаҷ фаро расида ва ӯ пири солхӯрдае аст, ки бар роҳила намепояд, оё ҷоиз аст, ки аз ҷониби вай ҳаҷ кунам? Фармуд: ***«(Оре), аз ҷониби падарат ҳаҷ ва умра кун!»*** Ва дар ривояти дигар омада: ***«Бубин, ки агар бар падарат қарзе буда ва онро аз ҷониби вай пардохт намоӣ, оё аз ту пазируфта мешавад? Гуфт: Оре. Фармуд: Пас қарзи Худо ба ин сазовортар аст!»*** (Бадоеъу-с-саноеъ. – Ҷ. 2. – С. 454; Саҳеҳи Бухорӣ, 1513, 1852, 6699; Саҳеҳи Муслим, 3238 (1334)-407). Дар лафзи ҳадис ибораи: «Ҳуҷҷӣ ъан абикӣ ваътамирӣ», чуноне дар матни Бадоеъ аст, наомадааст.

маҳз ё аз ибодоти мураккаб будани ҳаҷ ихтилофи назар доранд ва бо фароварди он ақволи эшон дар бораи ин ки оё ҳаҷ ба номи шахси фавтида сабт мегардад ё ба номи анҷомдиҳандаи он, низ гуногун аст. Назди ҷумҳури фуқаҳо ва бо иҷмоъи сухани онҳо дар усул ва фурӯъ, он гуна ки дар «Радд» омада, он аз ибодатҳои мураккаб ба шумор меравад, пас аз марги шахс ниёбатпазир аст ва бино бар зоҳири ривояти мазҳаб ба номи ҳаҷфармо сабт мегардад.[1] Тамоюли тарҷеҳии соҳиби «Ҳидоя», муқтазои қавли соҳиби «Фатҳ», назари Шайхулислом Исбиҷобӣ ва Қозихон, чуноне дар «Фатҳ» (Ҷ. 3. – С. 136–137) омада, бар он аст, ки ҳаҷ аз ибодоти бадании маҳз аст ва иститоати молӣ шарти сиҳҳати он ба шумор меравад. Бар асоси қавли инҳо ҳаҷ аз ҷониби анҷомдиҳанда нафл[2] воқеъ мешавад ва барои шахси ҳаҷфармо савобаш мерасад ва савоби инфоқи молро низ дар меёбад. Ин назари оммаи мутааххирин аст.[3]

Дар тамоми анвои ибодатҳо, ки ҳуқуқ ва қарзҳои Парвардгор ё масъулиятҳои банда назди Худо ҳастанд, агар мутаваффо валӣ ё ворисонашро ба пардохти фидя (дар ибодатҳои баданӣ), пардохти ҳаққи фарзӣ (дар ибодатҳои молӣ) ва анҷоми амал (дар ибодатҳои мураккаб) васият намояд, дар навъи аввал ба ҷои ҳар ибодате ба андозаи садақаи Фитр аз моли тараккааш фидя медиҳанд, дар навъи дуюм онро ба андозаи воҷиб аз он пардохт менамоянд ва навъи сеюмро ба таври комил аз он анҷом медиҳанд. Васият дар тамоми ин ҳолатҳо назди аиммаи ҳанафӣ вуҷубан дар сеяки моли тарака нофиз аст. Аммо агар васияте накарда бошад, пас амри банда ба машийяти Худованд ва раҳмату мағфирати Вай мавкул аст, зеро ибодатҳо ва қурбатҳо аз ҷумлаи ҳуқуқи Худованд ва умуре миёни банда ва Парвардгораш ҳастанд. Бо ин вуҷуд – васият накардан, агар валӣ ё ворисонаш ибодот ва қурбатҳои шаръии фавқро аз ҷониби вай ба хоҳиши худ ва аз рӯи табарруъ анҷом диҳанд, онҳо пазируфта мешаванд ва аз зиммаи шахси фавтида соқит мегарданд.

ГИРИФТАНИ МУЗД БАР ҚУРБАТҲО

Ибодатҳое, ки бар шахс шаръан воҷиб ҳастанд ва нафъи онҳо танҳо ба худи анҷомдиҳанда бармегардад, ба монанди намозу рӯза, гирифтани музд бар онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз нест. Зеро аз як сӯ, онҳо бояд қурбатан лиллоҳ ба ҷой оварда шаванд ва аз сӯи дигар, нафъашон ба касе дигар намерасад, то дар ивази он аз вай музде дарёфт шавад.

Музд талаб кардан ва бо пул азон гуфтан, ба монанди имоматӣ, таълими Қуръон ва дигар ибодатҳое, ки нафъи онҳо ба дигарон низ мерасад, аз назари аксари аҳли илм, аз ҷумла имом Абуҳанифа (рҳ) макрӯҳи таҳримӣ аст. Усмон ибни Абулъос (рз) ривоят мекунад: *«Охирин чизе, ки расули Худо (с) ба ман супориш дод, ин буд, ки муаззине бигирам, ки бар азонаш музд нагирад»*.[4] Назди имом Молик (рҳ) музд гирифтан бар азон боке надорад, зеро аз Абумаҳзура ривоят шуда, ки «расули Худо (с) азонро бар (уҳдаи) ман гузошт ва чун онро анҷом додам, ба ман ҳамёне аз нуқра дод».[5] Ибни Арабӣ – донишманди моликӣ мефармояд: Саҳеҳ ҷавози гирифтани музд аст бар азон, имоматӣ, қазо (судягӣ) ва дигар корҳои динӣ, ҳамон гуна ки он барои худи халифа ва дигар кормандони давлатӣ боке надорад.[6] Аз назари имом Шофеъӣ (рҳ) агар муаззинони довталаб ва холис пайдо нашаванд, музд додан бар азон боке надорад.

Уламои мутааххири ҳанафӣ ҳам дар ин масоил ба қавли имом Шофеъӣ (рҳ) фатво дода ва гирифтани муздро бар ин корҳо аз боби зарурат ҷоиз донистаанд, зеро дар ин давру

---

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 519. – Ҷ. 4. – С. 11, 24.

[2] Ин ҳаҷ ба қавли фуқаҳои мазкур аз ҷониби шахси ҳаҷгузор нафл воқеъ мешавад ва бо он ҳаҷҷи фарз, ки бар зиммаи худаш буда, агар онро қаблан анҷом надода бошад, адо намеёбад, зеро назди онҳо бо ин вуҷуд фарзи ҳаҷ шаръан аз зиммаи шахси ҳаҷфармо соқит мегардад.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 345–351; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 471, 515. Ҷ. 4. – С.17, 24; Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 132–139.

[4] Сунани Тирмизӣ, 209.

[5] Сунани Насоӣ, 632; Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 644. Ҳадиси Абумаҳзура (рз) дар баёни талаби музд бар азон меояд. Вай дар аввали ин ҳадис мегӯяд: «Вақте расули Худо (с) (пас аз фатҳи Макка) аз Ҳунайн баргашт, ман ҳамроҳи гурӯҳи даҳнафараи Қурайш дар талаби вай баромадам. Вақте ба вай расидем, муаззинаш азон медод. Мо ҳам барои истеҳзои онҳо ба садояшон тақлид карда азон гуфтем. Расули Худо (с) вақте садои моро шунид, одам фиристод ва моро ба наздаш бурданд. Фармуд, то яко-як азон гуфтем, ки садои ман барояш писанд омад...» (Сунани Насоӣ, 632).

[6] Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 1. – С. 645.

замон дар ақидаи мардум футур афтодааст ва агар ин корҳо ба гунае ба танзим дароварда нашаванд, дар умури дин халал ворид мешавад ва аҳкоми шаръ зоеъ мегарданд.[1]

Аммо он амалҳои хайре, ки онҳоро ҳам ба сурати қурбат ва ҳам ғайр аз он метавон анҷом дод, ба монанди бинои масҷид, сохтани пул, роҳ ва ғ. гирифтани музд бар онҳо бо иттифоқи ҳамаи аимма ҷоиз аст.

Бар ҳамин асос, касеро бо музд дар масҷиди маҳаллае эътикоф шинондан, ба ҷаноза даъват кардан ва ё шустани мурдаро[2] ба вай вогузоштан ҷоиз нест, зеро анҷоми ин корҳо шаръан бар мусулмонон воҷиб аст.[3] Иҷора ва музд гирифтан дар корҳое ҷоиз аст, ки бар кас шаръан ва ба ҳайси таколифи динӣ воҷиб набошанд.

ХАТМИ ҚУРЪОН

Хатми Қуръон дар фарҳанги исломӣ амал ва ё расми диние ба маънои итмом ва хатм кардани қироати Қуръон аз аввал то охир аст. Расми хатми Қуръон ба даврони паёмбари акрам (с) бармегардад ва он назди Парвардгор яке аз қурбатҳо ва дорои фазоили бисёре аст. Ривоят шуда, ки паёмбари акрам (с) Қуръонро ҳар моҳи рамазон як бор ҳамроҳи фариштаи ваҳй – Ҷабраил (а) мудораса ва хатм мекард ва дар охирин рамазоне, ки пас аз он аз дунё даргузашт, онро ду бор мудораса ва хатм намудааст. Саҳобагон ва наслҳои пас аз онҳо низ барои худ вирди ҳаррӯзае муайян дошта ва ҳар чанд гоҳе Қуръонро хатм мекарданд. Ин амр барои осон шудани интихоб ва тиловати миқдоре аз Қуръон заминаи пайдоиши параҳо (ҷузъҳо), ҳизбҳо ва дигар тақсимбандии қисматҳои он гардид. Ба таври умумӣ Қуръони карим тиловати бо тадаббур ва бо тааммул дар маонии худро тавсия намудааст ва уламо дар замони камтар аз се рӯз хатм намудани Қуръонро ғайри мамдуҳ гуфтаанд, зеро чунин тиловати сареъ ва шитобзада имкони тадаббур дар маонии онро аз хонанда салб менамояд.

Пас аз хатми Қуръон ва тиловати сураи Нос боз ба аввали Қуръон баргаштан ва сураи Фотиҳа ва панҷ ояти аввали сураи Бақарараро тиловат кардан аз мустаҳабботи хатм аст ва дар ҳадисе аз паёмбари акрам (с) ин гуна хатмкунанда ба ҳолли муртаҳил васф шудааст, яъне тиловаткунандаеро, ки Қуръонро хатм кардааст, шоиста аст охири онро ба аввалаш васл намояд, гарчи қасди хатми муҷаддадро надошта бошад. Ҳамчунин дар рӯзи хатми Қуръон хуб аст, ки фарзандон ва аҳли хонаводаашро гирд оварад ва дар поёни хатм барояшон дуои хайр намояд, зеро он вақти иҷобати дуо аст.

Дар байни сокинони сарзаминҳои Осиёи Марказӣ сурати дигаре аз хатми Қуръон роиҷ аст, ки бар асоси он мардум пеш аз шурӯи ҷашну маросим ё кори муҳимме дар хонавода ҷиҳати табаррук, матлаи хайр ва низ шод сохтани рӯҳи гузаштагон дар рӯзи шодӣ ҷамъе аз қориёнро ба манзили худ даъват ва хатме мекунанд ва савоби онро ба арвоҳи гузаштагони манзил мебахшанд. Ин расми хатми Қуръон пас аз фавти шахсе аз хонавода низ маъмул аст, ки дар рӯзҳои аввал ё ҳафтаи аввали пас аз вафоташ анҷом дода мешавад.

Хатми Қуръон бо расми нав аслан ба ду навъ ва ё дар ду шакл анҷом дода мешавад: а) дар таносуб бо шумораи қориёни хатмгар параҳои Қуръон ба онҳо тақсим карда мешавад ва Қуръон пурра – аз аввал то охир хатм карда мешавад, ки инро хатми комил мегӯянд, б) қисмате аз Қуръон ё сураи Фотиҳа (1 бор) ва чанд сурае аз қисори муфассал – сураи Ихлос (3 ва ё 100 бор) ва муаввизатайн – сураҳои Фалақ ва Нос (се борӣ) хонда ва ба арвоҳи гузаштагони манзил бахшида мешаванд, ки инро хатми хоҷагон мегӯянд. Зеро дар ривоятҳои суннат омадааст, ки сураи Ихлос сулс – сеяки Қуръон аст, пас се бор хондани он дар хатм бо кулли Қуръон баробар аст. Ҳар ду навъи ин хатм хатми тозаи Қуръон ба шумор мераванд. Навъи дигаре аз хатми Қуръон низ вуҷуд дорад, ки ба хатмҳои захира ва қаблан адошуда бармегардад. Дар ин навъи хатми Қуръон яке аз қориён хатми қаблан доштаашро ба арвоҳи гузаштагони

[1] Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ. – Ҷ. 1. – С. 452, 453.

[2] Дар «Фатҳ» овардааст, ки талаби музд кардан бар ғусли маййит ҷоиз нест, вале барои ҳамл (бардошта бурдан) ва дафнаш ҷоиз аст ва баъзеҳо онро дар ғусли маййит низ (бо он тафсиле, ки дар поварақии баъдӣ баён гардида) иҷозат додаанд (Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 114; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 108).

[3] Агар ғосил барои шустани мурда аҷр (музд) талаб кунад, ба шарте ғайр аз вай дигар мурдашӯй ҳам вуҷуд дошта бошад, ҷоиз аст, вале агар ӯ танҳо бошад, ҷоиз нест, зеро анҷоми ин таклифи шаръӣ бар вай воҷиби айн ва ҳатмӣ мегардад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 107-108).

манзил мебахшад ва бо ҳамин аз адои хатми тоза иктифо мекунанд.

Гарчи ба чунин хатме дар нусуси шаръ амр ё ишорае нашуда ва эътиқод ба ин ки он, тибқи расми мутадовил миёни мардум, амре аз сӯи шаръ аст ва хилофи он ҷоиз нест, дуруст нест, вале бо истинод ба умуми осор ва ривоятҳои диние, ки дар онҳо ба хатми Қуръон тарғиб шуда ва тиловати Қуръон бинафсиҳи қурбат ва дорои аҷру савоб дониста шудааст, хатми Қуръон ва бахшидани савоби он ба арвоҳи гузаштагон ҷоиз ва биломонеъ аст.

ЧИЛЁСИН

Чилёсин яке аз расмҳои куҳани мардумӣ-динии роиҷ дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар Тоҷикистон, ки ба маънои чиҳил бор хондани сураи Ёсин бар сари бемор ба манзури шифоҷӯӣ аз каломи Худованд бо изни Ӯст. Чилёсин маъмулан ба ду равиш анҷом дода мешавад: яке ин ки ҷамъе аз толибилмон ва касоне, ки сураи Ёсинро аз ёд медонанд, онро бо садои баланд ва ба таври дастҷамъӣ тиловат мекунанд ва пас аз хондани ҳар мубине онро бар сари бемор медаманд, дигар он ки яке аз қориён – ҳофизони Қуръон ё яке аз ҷамъомадагон онро бо садои баланд тиловат мекунад ва пас аз хатми ҳар мубине ҳама бо ҳам онро бар сари бемор медаманд.

Расми роиҷ дар чилёсин он аст, ки сураи Ёсин дар он чиҳил бор хонда шавад ва чун гирдомадагон даҳ нафар бошанд, онро чаҳор бор, агар панҷ нафар бошанд, ҳашт бор ва ба ин тартиб мехонанд. Калимаи «мубин» ҳафт бор дар фосилаҳои муайяне аз сура зикр гардида, назди оммаи мардум ҳар «мубин»-е аз он вирд ва ҳиссаи ҷудо ҳисоб мешавад. ки маъмулан пас аз ҳар «мубин» бар сари бемор дамида мешавад. Баъзе чилёсингарон чиҳил бор хондани Ёсинро дар чилёсин амре рамзӣ медонанд, ки барои зуҳури осори шифо дар бемор ҳатмият надорад, балки як, се ё ҳафт бор хондани онро низ кофӣ медонанд. Чилёсин ҳатман бояд бо хондани сураи Фотиҳа оғоз шавад ва дар охир бо тиловати муаввизот – сураҳои Ихлос, Фалақ ва Нос хотима ёбад.

Гарчи барои хондани сураи Ёсин – чилёсин ба ин шакл – ба таври дастҷамъӣ ва чиҳил маротиба аз сӯи шаръ амр ва ё ишорае нашуда ва дар таълимоти ислом зикре аз он нарафтааст, вале чун Қуръони карим худро барои муъминон шифо ва раҳмат гуфта (17: 82, 41: 44), ки ин хосият сураи Ёсинро ҳам шомил мебошад, дар фазилати сураи Ёсин аҳодисе аз паёмбари акрам (с) ривоят шуда, ки аз осори заъф холӣ нестанд ва сураи Ёсин дар адабиёти бадеӣ-динии мо бо истинод ба он аҳодис ба дили Қуръон шинохта шудааст, шояд уламо бад-ин ҷиҳат хондани онро бар сари беморон хуб ва муассир донистаанд ва адади чиҳил, гарчи шарти сиҳҳат ва аз заруриёти чилёсин ба шумор намеравад, вале аз дигар рамзҳо ва умуре, ки ин шумора дар онҳо зикр шуда, баргирифта шудааст.

ТӮМОР

Тӯмор ар. طومار, вожаи арабишудаи юнониасл ба маънои нома, навишта, китоб, саҳифа ва коғази дарози баҳампечида. Дар Мисри бостон баргҳои попирусро ба паҳноӣ бо ҳам мечаспониданд, ки он шакли навори дарозеро мегирифт ва рӯи он менавиштанд. Баъдҳо ин шакли китобат дар байни дигар миллатҳо низ мавриди истифода қарор гирифт ва дар даврaҳои исломӣ вақте коркарди коғаз ба роҳ монда шуд, ба сабаби гунҷоиш ва дарҷи матолиби зиёд дар наворҳои тӯморӣ он ба авҷи ташаккул расид. Ин шакли китобат бо пешрафти саноати рангу коғаз боз ҳам равнақи бештар пайдо кард ва илова бар дабирхонаҳои давлатӣ, номанигорон ва мирзоҳо, гоҳе матолиби гуногуни дигаре низ, ба монанди мадҳияҳои адабӣ, наққошиҳои минётурӣ, дуову таъвизаҳо, афсунҳо ва рамзҳои сеҳрӣ низ дар коғазе ба шакли тӯмор навишта мешуданд. Дигаргунӣ дар муҳтавои навиштаҳои тӯморӣ дар даврaҳои мутаахиртар то ҷое вусъат ва таҳаввул пайдо кард, ки дар адабиёти оммиёна он маънои таъвиза, дуо ва набиштаҳои рамзии диниро ба худ гирифт ва ҳамзамон шакли он низ ба коғази печидаи секунҷа ё чаҳоркунҷа тағйир ёфт. Агар ин набиштаҳои таъвизӣ ба шакли тӯмор дар қадим печида шаванд, онро дар адабиёти оммиёна ҳайкал мегӯянд. Тӯморҳо дар гузашта гоҳе бо порчаи зарифе аз берун муқавво карда мешуданд ё дар ғилофи чармӣ ва ё сандуқчаи чӯбӣ ё филиззие аз онҳо ҳифозат мешуд. Тӯморҳои таъвизӣ низ аксаран бо ҷилди чармӣ ё порчае

муқавво карда мешаванд ва дар ҷое аз бадан, либоси тан, пештоқи хона ва ё ҷои дигаре мувофиқ бо мақсади гирандаи он овехта мешаванд.

Тӯморро одатан муллоҳо ва шахсиятҳои динӣ, ки назди аҳли деҳа ё минтақа бо зуҳду тақво шинохта шуда ва ба ақидаи онҳо даму нафаси хубе доранд, барои шифои беморон, баракат дар касбу кор, кушоиши бахт, ҳифзи ҳомили он аз балоҳо ва ғ. ба корафтодагон медоданд, вале имрӯзҳо кор аз кор рафта, фолбинон, соҳирон ва ба қавли мардум муллоҳои ҷодугар низ барои гарму хунук кардан байни зану шавҳар, дилдодаву рамида кардани писару духтар, бастану кушодани зиндагии мардум ва ғ. ба додани тӯмор машғуланд. Пас тӯмор имрӯз бинобар тафовути ҷиҳатҳои гирифтани он бо мақсадҳои гуногуне, аз қабили ҳимоя аз чашми бад, нигаҳ доштан аз зиёни сеҳру ҷоду, паноҳ аз шарри одамони баддил, кушоиш дар касбу кор, моил сохтани дили касе ба худ ва ғ. набишта мешавад ва дар таносуб бо мақсади навишташ барои шиддати таъсири он аҳёнан дар байни баъзе аз онҳо пари ҷонвар, пашм ва ё порчае аз пӯсти ҳайвони худмурда, дандон ё нохуни шахси мавриди назар, сӯзан ва ғ., гузошта мешавад. Тӯморе, ки ба ин шакл ва муҳтаво навишта ва омода сохта мешавад, навъе аз сеҳр, бадтарин ҳайкалбандии таъвизаҳо ва аз назари шаръ қатъан ноҷоиз ва мамнӯъ аст.

Эътиқод ба таъсири тӯморҳое, ки ба ин шакл навишта мешаванд, ба ақидаи фетешизм – ашёпарастӣ ва ақидаи даврони ҷоҳилият нисбат ба таъсири ашё бармегардад ва бовар кардан ба таъсири навиштаҳои ҷодуӣ ва истионат ва тавассул ба шаклҳои сеҳрӣ бар асоси таълимоти тавҳидии ислом ширк аст, зеро ин ба маънои эътиқод ба сифот ва қудрати таъсиргузорие дар ашё аст, ки аз сифот ва салоҳиятҳои Худо мебошанд. Эътиқод ба таъсири мустақил ва бевосита – бе хости Худо нисбат ба тӯморҳое, ки дар онҳо ояте аз Қуръон ё дуое аз аҳодиси паёмбари акрам (с) ва ё каломи поке навишта шудааст низ, ба ақоидаи софи тавҳидӣ дар ислом созгор нест, вале ҷумҳури уламо дар ҷое, ки ҳомили тӯмор Худоро таъсиргузор, шифобахш ва сабаби асли медонад, табаррукан ва ё барои шифоҷӯӣ бар худ овехтани тӯмор ва ҳар овезаи дигареро, ки дар он оятҳое аз Қуръон ва дуоҳои маъсура навишта шудаанд, ҷоиз ва биломонеъ медонанд.

Уламо фармудаҳои паёмбар (с)-ро дар мазаммат ё наҳй аз тамима – тӯмор ва таъвиза: ***«Касе таъвиза ва ё тӯморе бар худ биовезад, воқеан ҳам, дар ширк афтодааст», «Касе бар худ тамима – таъвизае биовезад, Худо онро барояш нотамом гардонад!»*** ва амсоли онҳоро ба тӯморҳо ва овезаҳои таъвизие ҳамл кардаанд, ки шакли ва муҳтавои таъвизаҳои даврони ҷоҳилиятро дошта бошанд, аммо тӯмор ва овезаҳое, ки бар онҳо ояте аз Қуръон, дуое аз ҳадис ва ё каломи поке аз бандагони солеҳ навишта шуда, назди онҳо шаръан мамнӯият ва боке надорад. Ҷавози ин навъ тӯморҳо гарчи тавассуан тамоми мушкилот ва шууни зиндагии инсонро фаро мегирад, вале тибқи омӯзаҳои маърифатии шаръ он дар ҷое хуб ва писандида аст, ки иқтизои зарурат бошад, ба мисли беморе, ки аз забон бозмонда ва худ қудрати хондани дуоро надорад, кӯдаке, ки ҳанӯз дуоҳоро ҳифз карда наметавонад ва ё дар ҳолати тарсу даҳшате, ки кас худро дар он гум кардааст ва ғ., вале дар ғайри ин мавридҳо мусулмонро зарур аст, ки дуоҳои шифо ва азкори виқоиро дар зимни таълимоти ислом ҳифз ва онҳоро ҳар субҳу шом ва ҳамин тавр дар зарурат бихонад ва бар худ бидамад.

Баъзе уламо бо истинод ба зоҳир ва насси аҳодисе, ки дар наҳйи тамима ва ҳар гуна таълиқа – овезае ворид шуда, ин навъи тӯморро низ ноҷоиз ва онро бо амалкарди саҳобаи киром ва салафи солеҳ дар ин бора мухолиф гуфтаанд. Зеро равиши маснун ва мавфур дар байни онҳо ин буда, ки оятҳои Қуръон ва дуоҳои маъсураро хонда ва бар худ медамиданд ва чунин ривояте аз онҳо ба сиҳҳат нарасида, ки Қуръони карим, оятҳое аз он ё дуоҳое аз Суннатро навишта бар худ биовезанд.

Назари ин уламоро мантуқ ва далолати сареҳи лафзи аҳодис таъйид мекунад ва дар ҳеҷ ҷое аз онҳо истисное барои ҷавози он дар мавридҳои хос сурат нагирифтааст. Далоили наҳй дар шаръ ба сиҳҳат расида, вале барои исбот, далеле ҳатто ба сурати истисно ҳам собит нашудааст. Илова бар ин, агар чунин чизе ҷоиз ва воқеан ҳам, муфид мебуд, пас беҳтар буд, ки оятҳо ва сураҳое аз Қуръонро набишта бар худ

меовехтанд, дар ҳоле ки чунин матлабе аз саҳобаи киром ба сиҳҳат нарасидааст. Аммо чумҳури уламо бо назардошти шаън ва фазои вуруди ин аҳодис онҳоро ба ҳолати иҷтимоӣ ва фазои фарҳангӣ-динии муайяне мутааллиқ ва барои муолиҷаи вазъи эътиқодии хоссе – аз байн бурдани осори ақоиди даврони ҷоҳилият ва ибтоли нигоҳи фетешизмии онҳо ба ашё донистаанд. Бинобар ин, ҳар замон ва фазои эътиқодие, ки ба он давра шабоҳат дошта бошад ва тӯмор ба ҳамон эътиқод гирифта шавад, онро ноҷоиз ва шаръан мамнӯъ гуфтаанд, вале дар ғайри он боке надорад, он навъе аз шифоҷӯӣ аз каломи Худованд аст ва иншоаллоҳ муфид хоҳад буд.

Вожаҳои ҳайкал, раднома, бозубанд, таштоб ва кӯрхат низ дар луғат аз калимаҳои наздикмаъно ва ҳампайванд бо тӯмор ҳастанд.

ТАШТОБ

Таштоб طشتاب/تشتاب, дуо ва рукяе аз Қуръон, Сунат ё ақволи солеҳон, ки маъмулан бар порае коғаз ва бо ибороти хоно ё бо ашколи рамзӣ навишта ва дар зарфи обе, аз қабили ташт, лаган, коса ё қадаҳе об – маҳлул карда ва барои талаби шифо ба беморон нӯшонида мешавад ё бо он шустушӯй мешаванд. Пирони комили фан таштобро одатан бо ранге омодашуда аз маҳлули заъфарон ва бо килк (калам)-и хоссе менавиштанд ва навишти онро бо рангҳои омодашуда аз таркиботи минералӣ ё маводди кимиёӣ ба сабаби зиёне, ки бар саломати инсон доранд, раво намедиданд ё лоақал намеписандиданд. Таштоб барои бемороне, ки бар асари тарс, хоби ваҳшатнок ё аз ҳаводиси ногаҳонӣ ба изтироботи рӯҳӣ ё ба ихтилоли равонӣ мубтало гаштаанд, аксаран ба тариқи нӯшидан ва барои осебдидагон аз чашми бад, сеҳр, газанди ҷин ва монанди инҳо ба тариқи шустани тамоми бадан – ғуслу вузӯ бо он тавсия мешуд.

Таштоб ҳам ба коғазе, ки дуо ва рукя дар он навишта шудааст ва ҳам ба обе, ки навиштаи коғаз дар он об карда шудааст, итлоқ мегардад. Бар ин асос, дар таштоб ба маънои дуюм бо ду тариқ бо изни Худованд қобилияти шифоӣ бахшида мешавад. Яке он чи гуфта шуд ва дигаре, ба тариқи хондани дуо ва рукя ва дамидани бевоситаи он ба худи об. Гарчи миёни мардуми баъзе манотиқи кишвар имрӯз навъи дуюм бо номҳои қайтарма, оби дам ва шаклҳои дигари он бо номи бандкушо ва ғ. маъруф гардида, вале он навъе аз таштоб аст.

Баъзе нависандагон ва ноқидон реша ва саргаҳи пайдоиши эътиқод ба хоссийяти шифобахшии таштобро ба шаклҳои ибтидоии дин, бахусус фетешизм, пайванд додаанд, вале аз назари уламои ислом он аз шаклҳои ҷоиз ва хубӣ шифоталабӣ аз Худованд аст, зеро дуо ва рукя, ба вижа вақте аз Қуръон ва суннати паёмбар (с) баргирифта шуда бошад, Худо ба василаи он шифо мебахшад ва об низ аз аносири табиии дорои қобилияти таъсиргузорӣ дар организм аст. Имрӯз таъсири каломи Худованд, дуоҳои маъсура ва суханони баргузидаи расули Худо (с) дар молекулаҳои таркиби об аз сӯи баъзе муҳаққиқон ва таҳқиқоти озмоишгоҳӣ таъйид шуда ва таъсири об дар организм низ бар касе пӯшида нест. Гузашта аз ин, об дар таштоб ба ҳайси ноқили муносиб барои осори шифоӣ, баракот ва хоссиятҳои илоҳии каломи Худованд ва дуоҳои маъсура истифода мешавад.

Аз назарӣ омӯзаҳои тавҳидии ислом нигоҳи эътиқодӣ ва чигунагии бардошти банда аз ашё аҳаммият дорад, на аз осори боқимонда аз адёни пешин ва тамаддунҳои ибтидоии башар ё тоза ва нав будани онҳо. Агар ба ашё, завоҳири мавҷудот ва падидаҳои табиат бо ҳамон эътиқоди таъсиргузории моваро бархӯрд шавад, он моҳияти эътиқодоти фетешизмӣ ва ашёпарастиро ба худ мегирад, гарчи худи он шайъ ва моддаи мавриди таваҷҷуҳ нав ҳам бошад.

Бахши севвум

КИТОБИ ЗАКОТ

خُذْ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِم بِهَا

«Аз молҳояшон садақа (закот)-е баргир, ки эшонро ба василаи он пок ва тазкия намой»

(Сураи Тавба, 9:103).



Фасли аввал

ЗАКОТ

Закот яке дигар аз фароизи Худованди мутаъол бар мусулмонон ва яке аз рукнҳои ислом аст.[1] Дар аҳаммияти закот ҳамин далел бас аст, ки дар сӣ ояти Қуръони маҷид ҳамроҳи намоз зикр гардида ва нишонаи имон ва сабаби растагорӣ шумурда шудааст. Аз ривоятҳои гуногуне, ки аз расули Худо (с) нақл шудааст ва аз амалкарди хулафои рошидин бармеояд, ки *«касе аз пардохти закот монеъ шавад ва ҷилавгарӣ кунад, аз дин хориҷ аст»*.

Закот ҳамроҳ бо дигар пардохтҳои молӣ асоси низоми иқтисодии исломро ба вуҷуд оварда, дорои ду буъди амалӣ ва маънавӣ аст. Дар буъди амалии он зоҳиран маҷмӯи закотдиҳандагон, мустаҳиққон ва молҳои закот тақассум ёфта, амалияи молӣ ва навъе тақсими сармоя миёни қишрҳои як миллат ба назар мерасад, вале он аслан чарххои азими иқтисодеро ба гардиш

[1] Закот (ар. زكاة/زكوة, покӣ; нумӯ, афзоиш; баракат; хулоса ва баргузидаи чизе), рукни сеюми бинои ислом, яке аз фароизи Худованд бар мусулмонон ва ибодати молие, ки ба миқдори муайян ва дар шароити хосса пардохта мешавад; миқдори муайяне аз моли ҳар мусулмон, ки ба ҳукми шаръ онро дар масрафҳои муайяне дар роҳи Худо пардохт менамояд; ҳаққи молие, ки пардохти он дар моли ба нисоб расида шаръан воҷиб мегардад. Закот дар 30 ояти Қуръон ҳамроҳи намоз ва дар оятҳое бо калимаи «садақа» ё «садақот» зикр гардида, бино ба фармудаҳои он, пок сохтани нафси муъминон (Тавба, 9: 103), баҳрамандии оммаи мардум аз молу дороӣ, пешгирӣ аз эҳтикор ва андӯхта шудани мол дар дасти ҷамъе аз сарватмандон (Ҳашр, 59: 7) ва ба вуҷуд овардани низоми устувори молӣ аз ҳадафҳои ташреии он ба шумор рафта, нишонаи имондорӣ (Моида, 5: 12), мӯҷиби ҷалби раҳмати Худованд (Аъроф, 7: 156) ва сабаби растагорӣ дар охират (Бақара, 2: 110, 277) дониста шудааст.

Аз он ҷо ки раванди фарзияти закот ба мисли баъзе фароиз ва аҳкоми дигари шаръ ба тадриҷ сурат гирифта, дар марҳалаҳои аввал сарфи мол дар роҳи Худо аз инфоқҳои ҷавонмардона ва пардохтҳои мандуби молӣ дар аҳди Макка оғоз ва тадриҷан пас аз ҳиҷрат дар пардохти ҳаҷми муайяне аз мол дар шароити махсус ба таври воҷиб қарор гирифт, уламои ислом дар ибтидои таърихи фарз гардидани он ихтилофи назар доштаанд. Ба андешаи аксари онҳо закот соли 8-уми пас аз ҳиҷрат фарз гардида, расули Худо (с) соли 9-ум коргузорони молӣ ва омилони худро ба атрофи Арабистон барои ҷамъоварии молиёти закот равона кард. Ба гуфтаи мураттибони «ал-Мавсӯату-л-исломияту-л-омма» ва баъзе донишмандони дигар, ба мисли Ибни Касир, закот соли 2-юми ҳиҷрӣ фарз гардидааст ва ба ақидаи Ибни Хузайма бо истинод ба сухани Ҷаъфар дар посухи суоли Наҷҷошӣ, ки шуморо ба чӣ корҳое амр мекунад: Моро ба намоз, закот ва рӯза амр мекунад, пеш аз ҳиҷрат фарз гардидааст. Ҷумҳури уламо сухани Ҷаъфарро амри умумӣ ва марбут ба умуми садақот ва инфоқҳои табарруъӣ донистаанд, на ба закоти дорои нисоб ва шароити махсус.

Гарчи ислом қонунҳои комили иҷтимоӣ ва низоми фарогири молие барои ҷомеа оварда, ки дар тамаддунҳо ва адёни гузашта назире надоранд, вале закот, ба мисли намоз ва рӯза, асле муштарак байни тамоми динҳои осмонӣ аст, ҳатто дар тамаддунҳо ва низоми давлатдориҳои ғайри динӣ, ба мисли Руми қадим, Эрони бостон ва ғ., низ ба навъе низоми молӣ ва системаи ҷамъоварии молиёт вуҷуд дошта. Ба фармудаи Қуръон, закот бар тамоми анбиёи пешин ва пайравони динҳои қабл аз ислом низ фарз буда (Анбиё, 21: 73; Марям, 19: 13, 31, 55), гарчи дар бораи миқдор, ҳаҷми нисоб, навъи амволе, ки закот ба онҳо тааллуқ мегирифт ва тафосили дигари он гузорише дода нашудааст.

дармеоварад ва ҳаракати пайвастаи таъриҳиеро дар уммати ислом ба вуҷуд овардааст. Илова бар ин, он миқдоран ва моҳиятан ба гунае тарҳрезӣ гардидааст, ки на бар сарватмандон ва соҳибони сармоя сангинӣ мекунад, зеро он миқдори ночизе аз молу сармояи онҳо – ҳудуди дувуним (2,5) дар сади онро дар бар мегирад ва на дар он обрӯ ва номуси мустаҳиққон мавриди иҳонат қарор мегирад ва миннат ё зиллати талбандагиро барои онҳо бор меоварад, зеро он ҳаққи Худованд ва фаризаи молие аз сӯи Ӯ таъоло аст. Дар буъди маънавӣ, закот аз назари равоншиносӣ ва арзиши моддие, ки дорад, миёни закотдиҳандагон ва закотгирандагон – ду қишри муҳим ва бойу камбағали ҷомеа алоқаи дуҷониба, фазои таотуфу ҳамдардӣ, таовуну ҳамкорӣ, авотифи нек нисбат ба якдигар ва эҳтироми мутақобиларо ба вуҷуд меоварад ва бо ҳамин амният ва заминаҳои шукуфоии иқтисоди кишвар ва рушди молии сармоядорони дохилӣ таъмин ва барои он фазои муносибе дар ҷомеа ба вуҷуд меояд.

Сатҳи баланди афкори умумӣ ва авотифи неки иҷтимоӣ қишрҳои гуногуни ҷомеаро дар ҷодаи ҳамкориҳои мутақобил, инкишофи ҳамаҷонибаи фарҳанги амонатдорӣ, ҳифзи эҳтиром ва арзиши моликияти хусусӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ, иффат ва покӣ ба ҳаракат ва пӯёӣ вомедорад. *Шахси сарватманд дар назари мардум дигар на як унсури манфур, судҷӯй, моландӯз, бахил ва бори гарони ҷомеа, балки инсони неку босалоҳият, наҷиб ва хайрхоҳи миллат ба шумор меравад.*

Ин пардохтҳои молӣ:

а) Нафси одами сарватмандро аз палидиҳои бухлу тамаъ ва шароратҳои тангчашмию дунёпарастӣ пок мегардонад ва нафси камбағалро аз ҳасадварзию адоват ва орзуи заволи неъмати дигарон раҳо месозад.

б) Масолеҳи умумиеро, ки зиндагӣ ва саодати мардум дар гарави онҳост, ба вуҷуд меоварад.

в) Дар шахси сарватманд эҳсоси масъулият нисбат ба қишри ниёзманд ва камбағали ҷомеа ба вуҷуд меоварад.

г) Барои сарватҳо ва боигарие, ки дар ихтиёри сарватмандон, тоҷирон ва сармоядорон қарор дорад, ҳадду андозае ба вуҷуд меоварад, то молу сармоя дар ихтиёри табақаи (элитаи) хосе қарор надошта ва танҳо дар миёни онҳо даст ба даст нагардад, балки дигар қишрҳои ҷомеа низ аз он баҳраманд бошанд.

д) Аз ҳама муҳимтар, пок гардидани молу дороии шахси сарватманд ва рушду нумӯи он аст, ки бо пардохти закот, ушр, садақаи Фитр ва дигар пардохтҳои молӣ барояш ҳосил мегардад ва ба хайру пешрафти худи ӯ меанҷомад.

Ҳубби давлатро фано созад закот,
Ҳам мусовот ошно созад закот.
*Дил зи «**ҳатто тунфиқӯ**» муҳкам кунад,*
Зар физояд улфати зар кам кунад!

Ин ҳама асбоби истеҳкоми туст,
Пухтаӣ, муҳкам агар исломи туст!
Аҳли қувват шав зи вирди ё қавӣ,
То савори уштури хокӣ шавӣ!

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Асрори худӣ)

Барои шахси закотдиҳанда ҳамин ифтихор бас аст, ки закоти ӯ, вақте ба дасти мустаҳиққи худ мерасад, ба ин маъно аст, ки онро Худо мегирад ва қабул менамояд. Қуръони карим пас аз зикри моҳият ва ҳикмати гирифтани закот мефармояд:

أَلَمْ يَعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ هُوَ يَقْبَلُ ٱلتَّوْبَةَ عَنْ عِبَادِهِۦ
وَيَأْخُذُ ٱلصَّدَقَٰتِ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ

«Оё надонистанд, ки (танҳо) Худо тавбаро аз бандагонаш мепазирад ва садақотро мегирад ва ин ки Худо тавбапазиру меҳрубон аст».[1]

Бо ин ҳама, агар мусулмоне аз додани закот худдорӣ намояд ва аз анҷоми ин вазифаи муқаддаси илоҳӣ ва таклифи иҷтимоии ислом шона холӣ кунад ва боз фикр кунад, ки ҳамин ки ба ойини ислом эътиқодманд мебошад ва намозу рӯзаашро ба ҷо меоварад, кифоя аст, бояд хуб бидонад, ки чунин эътиқодмандӣ ва диндорие аз ҷониби Худо пазируфтанӣ нест.

Дар садри ислом саҳобагони бузурги расули акрам (с) бо сарварии халифаи он ҳазрат Абубакри Сиддиқ (рз) тоифае аз мардуми арабро,

[1] Сураи Тавба, 9: 104.

ки аз додани закот сар боз зада буданд, дар ҷумлаи хориҷгаштагони аз дини Худо дониста, бар зидди онҳо ба мубориза бархостанд. Он тоифа танҳо аз додани закот сар боз зада буданд, вале дигар рукнҳо ва асосҳои исломро қабул доштанд. Ислом як тарҳ (комплекс)-и мутакомили илоҳист, ки чунин таҷзияҳо ва бозигариҳоро намепазирад. Бинобар ин, барои як мусулмони хуб ва хайрхоҳи дину миллат шоиста нест, ки худро ноогоҳона дар саффи мухолифони ислом қарор диҳад.

Закот дар луғат ба маънои «покӣ» ва «зиёдат» аст ва дар истилоҳи шаръ иборат аз як миқдор молест, ки тибқи шароити махсус бояд ба мустаҳиққи закот дода шавад.

МАВРИДҲОИ ЗАКОТ

Закот дар навъҳои моликияти зерин фарз аст:

1. Чизҳои қиматбаҳо, монанди тило, нуқра, пул ва ғайра.

2. Чаҳорпоёни хонагӣ, мисли шутур, гов, гӯсфанд, асп ва ғайра.

3. Молҳои тиҷоратӣ.

4. Зироат ва меваҷот.

5. Канданиҳои фоиданок (маъданҳо).

Закоти ин чизҳо дар сурате фарз мешавад, ки ба як миқдори муайяне, ки онро «нисоби том» мегӯянд, бирасанд. Пас агар миқдори чизҳои зикршуда аз ҳадди нисоби том камтар бошад, закот надоранд.

Нисоби томми (комил) ҳар яке аз чизҳои мазкур ба тафсил баён хоҳад шуд. Лозим ба ёдоварист, ки тамоми чизҳое, ки инсон ва хонаводааш дар зиндагии худ ба онҳо ниёз дорад, аз ҳисоби нисоби том ҷудо мебошанд, магар вақте ки дар онҳо мақсади тиҷорат дошта бошад. Ба намунае аз лавозими мавриди ниёз ишора мекунем:

1. Хӯрок ва пӯшоки зарурӣ.

2. Заруриёти хона, монанди косаю табақ, қолин ва ғайра.

3. Василаҳои нақлия дар ҳадди зарурат.

4. Хонаҳои истиқоматӣ.

5. Китобҳои мавриди ниёз ва ғайра.

Шахсе дорои нисоб буда, вале қарздор ҳам бошад, агар миқдори қарзаш ба андозаи тамоми молаш бошад, закот бар ӯ фарз нест, вале агар молаш бештар аз миқдори қарзаш бошад ва ин моли зиёд ба ҳадди нисоби том бирасад, он гоҳ закот бар он тааллуқ мегирад.

Закот бар моли гумшуда низ тааллуқ намегирад.

ШАРТҲОИ ФАРЗ ГАРДИДАНИ ЗАКОТ

Шартҳое, ки пас аз мавҷудият ва таҳаққуқи онҳо закот бар навъҳои молҳои номбурда фарз мегардад, панҷ чиз мебошанд:

1. Мол бояд дар моликияти пурраи (томми) закотдиҳанда қарор дошта бошад. Мақсуд аз моликияти пурра он аст, ки мол, воқеан, дар дасти соҳиби худ қарор дошта, дар он ба ихтиёри худаш озодона тасарруф намояд. Фоидаи он ба соҳибаш баргардад ва ҳаққи ҳеҷ касе дар он ҳамроҳ ва мутааллиқ нагашта бошад.

Бинобар ин шарт, дар моли вақфӣ, дар моли қарздодашудае, ки умеди бозпардохти он аз тарафи қарздор вуҷуд надошта бошад, дар моле, ки соҳибаш озодона ва ба ихтиёри худ дар он ҳаққи тасарруф надошта бошад, ба монанди моли ба гарав мондашуда ва моле, ки дар моликияти он ихтилоф бошад, закот фарз нест.

2. Моли закотдиҳанда ба нисоб расида бошад, яъне моле, ки аз он закот дода мешавад, бояд ба ҳадди нисобе, ки шариат барои ҳар навъи он муайян намудааст, расида бошад.

Бинобар ин шарт, моле, ки ҳанӯз ба ҳадди нисоби муқарраргардида аз ҷониби шаръ нарасида бошад, дар он закот фарз нест. Зеро закот дар моле воҷиб мегардад, ки аз эҳтиёҷоти зарурии зиндагии соҳиби мол зиёд бошад ва он моли зоид аз ниёзҳояш ба ҳадди нисоб бирасад.

Нисобе, ки шариат дар навъҳои гуногуни мол муайян намудааст, ҳадди болои бартараф гардидани ниёзҳои зарурӣ ва аввалиндараҷаи зиндагонии як фард ва хонаводаро дар он дар назар гирифтааст. Пас аз расидани ҳаҷм ва ё қимати мол ба он нисоби муайян инсон ба аввалин марҳалаи сарватмандӣ мерасад ва аз доираи фақр берун мегардад. Акнун, дар ин марҳала навбати он аст, ки доманаи хайру эҳсони ӯ аз ҳавзаи шахси худ ва хонаводааш фаротар рафта, дигар афроди ниёзманди ҷомеаро низ дар бар гирад.

3. Моле, ки аз он закот дода мешавад, бояд

як соли қамарӣ (моҳтобӣ) бар соҳибнисоб гардидани соҳибаш гузашта бошад ва дар тайи ин муддат ва ё лоақал дар ду тарафи сол он мол дар ҳадди нисоб дар мулки пурраи соҳибаш боқӣ монда бошад.[1]

Бинобар ин шарт, агар касе дар муддати камтар аз як сол соҳиби нисоби пурра бошад, вале пеш аз пур шудани сол моли худро аз даст бидиҳад ё молаш аз ҳадди нисоб камтар гардад, закот бар вай воҷиб намелавад. Зеро гузаштани як соли комили моҳтобӣ бар молдорӣ ва соҳибнисобии шахс шарти асосӣ – аз шартҳои вуҷуби адои закот аст. Вале дар маҳсулоти зироатӣ, меваҷот, канданиҳои фоиданок, сарватҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии табиат ва бозёфтҳои ганҷӣ ҳадди нисоб ва гузаштани сол шарт нест, ҳамин ки ба даст омаданд, ҳар миқдоре, ки бошанд, закоти онҳо бароварда мешавад.

Ёдовар мешавем, ки закоти маҳсулоти зироатӣ ва меваҷотро «ушр» ва «нисфи ушр» ва пардохти дигар бозёфтҳоро «хумс» гуфта мешавад, ки дар боби худ ба тафсил баён мешаванд.

4. Моле, ки аз он закот дода мешавад, бояд аз заруратҳои аввалиндараҷаи зиндагӣ ва қарзи шахси молдор зиёд бошад.

Бинобар ин шарт, агар шахсе моле дошта бошад, ки танҳо барои нафақаи аҳлу аёлаш кифоят намояд ва ё моле дошта бошад, ки танҳо барои пардохти қарзаш кифоят намояд ва чизе зоид аз ҳар ду маврид боқӣ намонад ва ё боқӣ ҳам монад, ба ҳадди нисоб нарасад, дар он мол закот воҷиб намегардад.

5. Моле, ки аз он закот дода мешавад, бояд нумӯкунанда бошад, яъне қобилияти афзоиш ва рушди иқтисодиро дошта бошад. Дар тамоми навъҳои панҷгонаи молҳо ин ҳолати афзоишёбандагӣ дар назар гирифта шудааст.

Нақдинаҳои муомилотӣ, яъне тило ва нуқра ва дигар мулҳақоти он хилқатан барои афзоиши молӣ ва гардиши чархҳои иқтисодиёт офарида шудаанд. Бинобар ин, агар он мол ба сурати пасандоз, берун кардани он аз гардиши иқтисодӣ ва ё истифода ва нигаҳдошти нодурусти он ҳолати таҷмид (бекор хобидан) ва истои (беафзоиши)-ро ба худ гирад ҳам, вақте шартҳои дигари фарзияти закот дар он таҳаққуқ ёфта бошанд, закоти он воҷиб мебошад.

Молҳои тиҷоратӣ бо муомилаи бозаргоние, ки дар онҳо сурат мегирад, шароити рушди иқтисодӣ ва афзоиши молии шахси тоҷирро фароҳам меоваранд.

Сарватҳои ҳайвонӣ низ вақте барои наслгузорӣ ва фарбеҳӣ парвариш мешаванд, бо афзоиши саршумор ва фарбеҳӣ рушду нумӯ меёбанд.

Маҳсулоти зироатӣ ва меваҳо бошанд, шоҳраги истеҳсолоти заруратҳои аввалиндараҷаи зиндагӣ ва таъмини ниёзҳо ва мояҳтоҷи мардумро ташкил медиҳанд ва ҳамеша дар ҳоли афзудан ва нумӯ мебошанд.

Бо вуҷуди он дар се навъи аввали дороиҳои инсон муддати як сол дар назар гирифта шудааст, то дар ин муддат соҳиби мол фурсати кофӣ барои рушду нумӯи он дошта бошад.

ШАРТҲОИ ДУРУСТ ГАРДИДАНИ АДОИ ЗАКОТ

Ёдовар мешавем, ки фаризаи закот яке аз ибодатҳои илоҳӣ мебошад. Дар соқит шудани ин фариза ва дуруст гардидани адои он ду чиз: тамлик[2] ва ният шарт мебошанд. Шахси закотдиҳанда бояд ҳангоми пардохтани закот ё дар вақти ҷудо намудани миқдори закот аз асли молаш нияти ба ҷой овардани закотро намояд. Агар ба касе миқдоре мол бидиҳад, вале дар он нияти ба ҷой овардани фарзи Худоро нанамояд, фарзияти закот аз зиммааш соқит намегардад. Тамлик бошад, таслим намудани закоти мол ба мустаҳиққи воқеӣ мебошад.

Бинобар ин, дар назди ҷумҳури уламои аҳли суннат ба ҷои ҳаққи закот аз қарзи худ гузаштан закот ба шумор намеояд. Зеро дар ин ҳолат на

[1] Ҳар гоҳ соли қамарӣ пурра ба поён бирасад, баровардани закот бар вай фарз мегардад. Дар солҳои баъдӣ, дар ҳамон таърихе, ки бори аввал закоташро дода буд, пардохтани закот бар вай фарз мегардад. Бинобар ин, мусулмонон аксаран моҳи мубораки Рамазонро барои адои закоти худ ихтиёр кардаанд, ҳарчанд моҳҳои дигар низ боке надоранд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Дар ҳеҷ моле закот воҷиб намегардад, то он ки соле бар вай бигузарад»*** (Сунани Абудовуд, 1573; Муснади имом Аҳмад, 1264).

[2] Тамлик ба мулки касе даровардани чизе, ба тасарруфи касе даровардани моликияте, молик гардондан. Амалияи тамлик дар закот аз ду чиз иборат аст ва фароянди он қабзи моли закот аз сӯи шахси закотгир аст.

шарти тамлик ва на ният ба таври дуруст таҳаққуқ намеёбанд. Мас., сарватманде дар гардани шахси фақире қарз дошта бошад ва ҳангоми баровардани закоти дигар молҳояш ҳамон қарзро ва ё миқдоре аз онро ба ҷои закоташ ба он фақир бибахшад, закоташ адо намеёбад. Барои он, ки вай бояд закоти моли дар дасташ бударо бо миқдори моли мушаххасе адо намояд, то ҳам шарти тамлик ва ҳам ният дар ҷои худ таҳаққуқ ёбанд. Аммо дар моле, ки кайҳо аз дасташ хориҷ гаштааст, ин шартҳо амалӣ намегарданд.

Вале агар ҳамон шахси сарватманд закоташро ба он қарздор бидиҳад, сипас аз вай талаб намояд, ки онро дар ивази қарзаш баргардонад, дуруст мешавад.

Ҳамчунин, агар қарзҳои фақиреро, ки аз дунё гузаштааст, аз ҳисоби моли закоташ пардохт намояд, фарзи закоташ дуруст намегардад. Зеро шарти тамлик дар он таҳаққуқ наёфтааст. Вале агар қарзҳои фақири зиндаеро бо амри ӯ бипардозад, закоташ дуруст мегардад.

Ҳамчунин, агар хонаи худро ба шахси фақире ба иҷора дода бошад ва ба ҷои закоти молаш аз баҳри иҷорапулии якмоҳа ва ё чандмоҳаи он фақир бигузарад, закоташ адо намегардад. Зеро дар дуруст гардидани закот тамлики айнӣ шарт мебошад. Дар мавриди боло бошад, тамлик аслан сурат нагирифтааст.

ЗАКОТ БАР КӢ ФАРЗ АСТ?


Пардохти закот бар ҳар мусулмоне, ки шароити зеринро доро бошад, фарз аст:

1. Озод бошад. **2.** Болиғ бошад. **3.** Оқил бошад. **4.** Молики комилу-л-ихтиёри нисоби том бошад. **5.** Як соли қамарӣ бар молаш бигузарад, яъне як сол молики он шуда бошад. **6.** Мол нумӯкунанда, яъне қобили афзоиш ва зиёдшавӣ бошад. Бинобар ин шарт моли гумшуда аз тааллуқи закот хориҷ аст.

Пардохти закот аз ҷумлаи муҳимтарин ибодатҳо ва рукни сеюми ислом мебошад. Бинобар ин, бояд он чи мепардозад, ба нияти закот ва бо қасди қурбат[1] бошад. Ниятро метавонад ҳангоми пардохти закот ва ё ҳангоме кунад, ки миқдори закотро аз молаш ҷудо месозад.

Шахсе тамоми молашро садақа кунад, пардохти закот аз зиммаи ӯ соқит мешавад, ҳарчанд нияти закотро дар он накарда бошад.

Қуръон ба баёни навъҳои молҳое, ки дар онҳо закот воҷиб мегардад, камтар пардохтааст. Танҳо як-ду мавриди онро ба таври умумӣ баён намудааст. Аз ҷумла, дар ояти 141-уми сураи «Анъом» ба ҳаққи закоти маҳсулоти зироатӣ ва меваҷот ишора намудааст:



«Ва Ӯст он Худое, ки боғҳои бардошташуда бар пояҳо ва ғайри бардошташуда ва ҳамчунин, дарахтони хурмо ва киштзорҳое офаридааст, ки меваҳои гуногун доранд.

Ва низ дарахтони зайтуну анорро (дар баъзе сифатҳо) ба ҳам монанд (ва дар баъзе сифатҳо) мутафовит офаридааст. Ҳангоме ки онҳо бор оварданд, аз меваашон бихӯред ва рӯзи дарав ва чиданашон ҳаққи (закоти) онҳоро бидиҳед. (Ва дар хӯрдани онҳо) исроф накунед, ки Худованд исрофкоронро дӯст намедорад».[2]

Ҳамчунин, дар ояти 34-уми сураи «Тавба» яке аз навъҳои моли закот будани тило ва нуқраро баён намудааст: **«Ва касоне, ки зару сим (тилову нуқра) меандӯзанд ва аз онҳо дар роҳи Худо инфоқ намекунанд, онҳоро ба азоби дардноке мужда бидеҳ».**[3]

Дар ояти 267-уми сураи «Бақара» мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, аз молҳои поке, ки касб кардаед ва аз он чи барои шумо аз замин берун овардаем, инфоқ намоед».**

Вале дар мавриди навъҳои гуногуни молҳои закот калимаи «амвол»-ро ба кор бурдааст, ки тамоми дороиҳои нақдӣ, сарватҳои ҳайвонӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, молҳои тиҷоратӣ ва дигар моямлаки инсонро дар бар мегирад.

[1] Қурбат ба маънои наздикӣ ба Худои бузург ва ба даст овардани ризои Ӯ мебошад.

[2] Сураи Анъом, 6: 141.

[3] Сураи Тавба, 9: 34.

Аз миқдори нисоби навъҳои гуногуни мол, ҳаҷми пардохти закот ва шартҳои фарзияти он Қуръон чизе нагуфтааст. Тамоми ин мавзӯъҳо дар суннати расули Худо (с) баён гардидаанд ва фақеҳони киром он ҳамаро ба сурати аҳкоми тафсилии закот тақсимбандӣ намудаанд.

Аммо масорифи закот, мустаҳиққони он ва мавридҳое, ки закот бояд дар он сарф шавад, ба таври мушаххас дар Қуръон баён гардидаанд. Худованд дар ояти 60-уми сураи Тавба мефармояд:

إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلْفُقَرَآءِ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱلْعَٰمِلِينَ عَلَيْهَا وَٱلْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى ٱلرِّقَابِ وَٱلْغَٰرِمِينَ وَفِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ ۖ فَرِيضَةً مِّنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٦٠﴾

«Садақот (закот) танҳо барои фақирон, мискинҳо, коргузорони он, муаллафатулқулуб ва дар ҳаққи бардагон, қарздорон, дар роҳи Худо ва дар мусофири дармонда, (ба ҳайси) фаризае аз (сӯи) Худо аст ва Худованд донову ҳаким аст».[1]

Худованд дар ин оят ҳашт мавридро мушаххасан масрафи закот донистааст ва меҳвари доираи сарфи онро муайян намудааст. Аввалин қишреро, ки Худованд дар сархатти маҷмӯаи мустаҳиққони закот ва маркази доираи масрафҳои он қарор додааст, фақирон ва мискинҳо мебошанд.

Ҷолиб он аст, ки Қуръон дар ҳар ҷое, ки мардумро ба хайру эҳсон, инфоқ дар роҳи Худо ва додани закот даъват намудааст, калимаҳоеро аз решаи **«инфоқ ва нафақа»**, **«додани мол»** ва ё айни калимаи **«закот»-**ро ба кор бурдааст, вале дар ду ояти сураи «Тавба», ки яке дар бораи гирифтани закоти амволи мардум ва дигаре дар баёни масрафҳои закот сухан мегӯяд, калимаи «садақа» ва «садақот»-ро барои ифодаи маънои истилоҳии закот ба кор бурдааст.

Дар ин ҷо нуктаи муҳимме, ки аз корбурди калимаи «садақа» дар ду ояти номбурда ба чашм мехӯрад, таносуби зебо ва робитаи латифе миёни маънои луғавӣ ва корбурди истилоҳии он ба маънои закот ва дигар садақоти инсон мебошад.

Калимаи «садақа» аз решаи «сидқ» ва «садоқат» гирифта шуда, ба маънои ростӣ, ростгӯӣ, салобату пойдорӣ, устувориву мустаҳкамӣ, фазилату шоистагӣ ва дӯстӣ омадааст. Сидқ иборат аст аз мутобиқати сухани инсон бо он чи дар ботини ӯст ва бо воқеияте, ки аз он хабар додааст.

Пас амали инсон вақте садақа ба шумор меравад, ки маонии луғавии онро бо зеботарин сурат таҳаққуқ бахшад. Яъне садақа ва дастбакории амалии инсон дар зиндагиаш метавонад тасдиққунанда ва нишонаи вуҷуд ва воқеиятҳои имонии ӯ бошанд. Ҳамчунин, пойдорӣ ва устувории ӯро дар роҳи таҳқиқи ҳадафҳо ва ормонҳои динии ӯ нишон медиҳанд. Закот ва садақаи инсон сатҳи шоистагии вайро барои ба даст овардани муҳаббат ва дӯстии Худованд баён менамояд.

Барои ҳамин паёмбар (с) фармудааст: ***«Садақа бурҳон аст»***.[2] Яъне закот ва садақа далели тасдиққунандаи воқеияти имон ва нишонаи бандаи шоиста будани ӯ мебошад.

[1] Сураи Тавба, 9: 60.

[2] Саҳеҳи Муслим, 533 (223)-1; Сунани Тирмизӣ, 3517.

Фасли дуввум

НАВЪҲОИ АМВОЛЕ, КИ ЗАКОТ ДАР ОНҲО ВОҶИБ МЕБОШАД

Молҳое, ки дар онҳо закот воҷиб мегардад, панҷ навъ мебошанд:

1. Нақдинаҳои муомилотии тило ва нуқра ва андӯхтаҳои он ду, ба монанди зеваролот, василаҳои ороишӣ ва ғайра. Пулҳои роиҷи кишварҳо, бонкнотҳо, коғазҳои баҳодор, сиккаҳо (чекҳо)-и бонкӣ ва ғайра дар ҳукми нақдинаҳои муомилотии тило ва нуқра буда, ба онҳо муқоиса мешаванд.

2. Молҳои тиҷоратӣ. Он тамоми амволи манқул ва ғайриманқули шахсро, ки дар он қасди хариду фурӯш ва тиҷоратро дошта бошад, дар бар мегирад.

3. Сарвати ҳайвонии шахс, ба монанди шутур, гов ва гӯсфанд.

4. Маҳсулоти зироатӣ, ба монанди гандум, ҷав ва ғайра, меваҷот, ба монанди ангур, хурмо ва меваҳои дигар ва ҳосили асал.

5. Канданиҳои фоиданок, сарватҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии табиат, бозёфтҳои ганҷӣ ва дигар ашёи нодир. Ин навъи панҷум дар фиқҳ дар зери унвони «маъданҳо» баён мешавад.

НИСОБИ МУАЙЯНИ ҲАР НАВЪИ МОЛ ВА МИҚДОРИ ҲАҚҚИ ЗАКОТИ ОН

НИСОБИ ЧАҲОРПОЁН

Барои воҷиб шудани закот дар чаҳорпоён соима (дар пушта чарокунанда) будани онҳо шарт аст. Соима ба ҳайвоне гуфта мешавад, ки ду ҳолат (шароит)-и зерин дар он ёфт шавад: ***Аввал,*** аксари солро дар биёбон ва пуштаҳо чаро кунад. Агар нисфи сол ё бештар аз он охурбанд бошад, ба он соима гуфта намешавад.[1]

Дуюм: мақсад аз нигоҳдории онҳо, ширу насл ва фарбеҳӣ бошад. Агар барои гӯшт ё саворӣ ва борбарӣ нигаҳдорӣ шаванд, ба онҳо соима гуфта намешавад[2] ва закот дар онҳо воҷиб намегардад, ҳарчанд бештари сол бо даҳони худ чаро кунанд.

Агар ҳайвон соима бошад (яъне бештари солро дар пушта чаро кунад) ва дар нисфи сол соҳибашон онҳоро ба нияти тиҷорат бифурӯшад, закоти он сол бар вай воҷиб намешавад, балки аз ҳангоми байъ (фурӯш), вақте соле бар он тамом шавад, аз қимати он закот дода мешавад.

Дар барраҳо, бузғолаҳо ва гӯсолаҳо вақте танҳо (аз модаронашон ҷудо) бошанд, закот воҷиб намешавад. Аммо агар бо модаронашон ҳамроҳ бошанд, аз ҳамааш закот дода мешавад. Агар ҳанӯз сол тамом нашуда, ҳайвоноти калон бимиранд, закот аз бачаҳояшон боз соқит мешавад.

Аспҳо вақте нару мода бо ҳам якҷо бошанд (яъне ба сурати галла бошанд), закот бар онҳо воҷиб мешавад. Бояд қиматгузорӣ шаванд ва аз ҳар чиҳил дирҳам як дирҳам закот бароварда шавад.

Дар хару хачир агар барои тиҷорат набошанд, закот воҷиб намешавад, аммо агар барои тиҷорат бошанд, аз қимати онҳо мисли асп закот дода мешавад.

[1] Соима – ба даҳони худ чарокунанда.

[2] Агар мақсуди соҳиби чаҳорпоён аз нигаҳдорӣ ва чарои онҳо парвариши онҳо барои таъмини гӯшти худ ва меҳмононаш бошад ва ҳар чанд гоҳе яке аз онҳоро забҳ кунад ё барои саворӣ ва кашондани борҳояш бошад, дар ин сурат ба онҳо, бино бар таърифи истилоҳии он соима гуфта намешаванд ва дар онҳо закот воҷиб намегардад. Аммо агар онҳоро барои шир, насл ва фарбеҳӣ парвариш диҳад ва гаҳ-гоҳе яке аз онҳоро барои худ ё меҳмонҳояш забҳ намояд, онҳо, бино бар таърифи истилоҳияш соима ба шумор мераванд ва дар онҳо закот воҷиб мегардад. Забҳи баъзе аз онҳо дар ин ҳолат дар бораи вуҷуби закот мақсуди ӯро тағйир намедиҳад (Бадоеъуссаноеъ. Ҷ. 2. – С. 436; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 234).

1. Шутур

Нисоби томми шутур аз панҷ сар шурӯъ мешавад. Ҳар кӣ дорои панҷ сар шутур ва ё бештар аз он буда ва як сол бар онҳо бигузарад, закот бар ӯ фарз мегардад, ки тартибаш ин аст:

1. Закоти панҷ сар шутур то нуҳ шутур, як гӯсфанд аст.

2. Закоти даҳ сар шутур то чордаҳ шутур, ду гӯсфанд аст.

3. Закоти понздаҳ сар шутур то нуздаҳ шутур се гӯсфанд аст.

4. Закоти бист сар шутур то бисту чаҳор шутур, чаҳор гӯсфанд аст.

5. Закоти бисту панҷ сар шутур то сию панҷ шутур, як шутури модаи яксола аст.

6. Закоти сию шаш сар шутур то чилу панҷ шутур, як шутури модаи дусола аст.

7. Закоти чилу шаш сар шутур то шаст шутур, як шутури сесола аст.

8. Закоти шасту як сар шутур то ҳафтоду панҷ шутур, як шутури чаҳорсола аст.

9. Закоти ҳафтоду шаш сар шутур то навад шутур, ду шутури дусола аст.

10. Закоти наваду як сар шутур то яксаду бист шутур, ду шутури сесола аст.

Сипас, аз яксаду бист боло то замоне ки саршумори шутурҳо ба яксаду чилу нуҳ адад бирасад, мувофиқи ҳисоботи боло ҳисоб мекунем, ба ин тариқ ки:

11. Закоти яксаду бисту панҷ сар шутур то яксаду бисту нуҳ шутур, ду шутури сесола ва як гӯсфанд аст.

12. Закоти яксаду сӣ сар шутур то яксаду сию чаҳор шутур, ду шутури сесола ва ду гӯсфанд аст.

13. Закоти яксаду сию панҷ сар шутур то яксаду сию нуҳ шутур, ду шутури сесола ва се гӯсфанд аст.

14. Закоти яксаду чиҳил сар шутур то яксаду чиҳилу чаҳор шутур, ду шутури сесола ва чаҳор гӯсфанд аст.

15. Закоти яксаду чиҳилу панҷ сар шутур то яксаду чиҳилу нуҳ шутур, ду шутури сесола ва як шутури яксола аст.

16. Закоти яксаду панҷоҳ сар шутур, се шутури сесола аст.

Сипас аз яксаду панҷоҳ ба боло то замоне ки шумораи шутурҳо ба яксаду наваду шаш то дусад шутур нарасад, тибқи ҳисоботи боло ҳисоб хоҳем кард ва дар яксаду наваду шаш сар шутур то дусад шутур, чаҳор шутури сесола закот дода мешавад ва пас аз он боз ҳисобро аз сар мегирем ва то охир.

Барои закот шутури мода дода мешавад. Агар шутурҳо ҳама нар бошанд, нигоҳ кунад вақте қиматаш бо қимати шутури мода баробар бошад, закот додан аз он низ ҷоиз аст.

2. Гов

Нисоби пурра (томм)-и гов аз сӣ сар шурӯъ мешавад.

1. Закоти сӣ сар гов як гӯсолаи яксола аст.

2. Закоти чил сар гов як гӯсолаи дусола аст ва то панҷоҳу нуҳ сар гов ба ҳамин андоза ҳисоб мешавад.

3. Закоти шаст сар гов ду гӯсолаи яксола аст.

4. Закоти ҳафтод сар гов як гӯсолаи дусола ва як гӯсолаи яксола аст.

5. Закоти сад сар гов ду гӯсолаи яксола ва як гӯсолаи дусола аст. Аз ин ба боло ба ҳамин гуна дар ҳар даҳ сар гов фарзияти закот аз гӯсолаи яксола ба дусола тағйир меёбад.

3. Гӯсфанд

Нисоби пурраи гӯсфанд аз чиҳил сар шурӯъ мешавад.

1. Закоти чиҳил сар гӯсфанд то яксаду бист гӯсфанд, як гӯсфанд аст.

2. Закоти яксаду бистуяк сар гӯсфанд то дусад гӯсфанд, ду гӯсфанд аст.

3. Закоти дусаду як сар гӯсфанд то сесаду наваду нуҳ гӯсфанд, се гӯсфанд аст.

4. Закоти чаҳорсад сар гӯсфанд чаҳор сар гӯсфанд аст. Аз ин ба боло дар ҳар сад сар гӯсфанд як гӯсфанд закот вуҷуд дорад.

Ҳукми гӯсфанд ва буз дар закот як хел аст.

4. Асп

Назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар асп низ закот вуҷуд дорад. Соҳиби нисоби асп метавонад барои ҳар асп як динор закот бипардозад ва ё аспро нарх карда ва аз ҳар дусад дирҳам панҷ дирҳам бипардозад.

Парвариш ва нигаҳдории асп яке аз чор ҳолатро дорад:

1. Ё барои саворӣ ва боркашӣ ва ё барои

ҷиҳоди дар роҳи Худо нигаҳдорӣ мешавад ва дар ин ҳолат бо иттифоқи ҷумҳури аҳли суннат дар он закоте воҷиб намебошад, хоҳ соима бошад ва бо даҳони худ дар пушта чаро намояд, хоҳ бо алафи ҷамъоваришуда парвариш шавад. Зеро дар тамоми ин ҳолатҳо яке аз эҳтиёҷоти зиндагӣ ба шумор меравад.

2. Ё бо мақсади хариду фурӯш ва барои тиҷорат нигаҳдорӣ мешавад ва дар ин ҳолат моли тиҷорат ба шумор рафта, вақте қимати он ба нисоби закот бирасад ва соле бар он бигузарад, бо иттифоқи тамоми аҳли суннат дар он закот воҷиб мебошад. Зеро афзоиш дар он аз тариқи тиҷорат ба вуҷуд меояд ва яке аз шартҳои воҷиб гардидани закот нумӯкунандагӣ ва афзоиши мол буд. Дигар фарқе надорад, ки бо даҳонаш дар саҳро чаро кунад ва ё бо алафи ҷамъоваришуда нигоҳубин шавад.

3. Навъи сеюм аспе мебошад, ки соҳибаш дар он ду мақсади болоро надорад, яъне на барои саворӣ, боркашӣ ва ҷиҳод аст ва на барои тиҷорат, вале дар аксари сол ва ё дар тамоми сол бо алафи ҷамъоваришуда нигаҳдорӣ мешавад. Дар ин ҳолат низ бо иттифоқи тамоми аҳли суннат дар он закот воҷиб намебошад. Зеро яке аз шартҳои воҷиб гардидани закот дар чаҳорпоён соима будани онҳо дар тамоми сол ва ё дар аксари сол аст.

4. Навъи чаҳорум аспе мебошад, ки барои наслдиҳӣ, фарбеҳӣ ва зиёд шудани саршумор нигаҳдорӣ мешавад ва аксари солро дар саҳро бо даҳони худ чаро мекунад. Он ҳам ба шарте ки ҳамаашон аспҳои нар набошанд, яъне ё нару модда якҷоя бошанд ва ё модда бошанд. Зеро аспи нар ба танҳоӣ на насл медиҳад ва на зиёд мешавад.

Назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар чунин асп закот вуҷуд дорад. Нисоби он саршуморӣ ва бо адад намебошад, зеро аз соҳиби шаръ чизе дар бораи он собит нашудааст, балки соҳиби асп метавонад барои ҳар асп як динор закот бипардозад ва ё аспро нарх карда ва аз ҳар дусад дирҳам панҷ дирҳам бипардозад.

Дар ривоятҳои саҳеҳе аз халифаи дуюм, Умар (рз) собит шудааст, ки аз асп закот мегирифт. Аз Яъло ибни Умайя ривоят шудааст, ки: *«Бародараш Абдурраҳмон аз марди ямание бо сад шутури ҷавон аспи моддае харид. Пас аз савдо марди яманӣ пушаймон шуд ва ба назди Умар омада гуфт: Яъло ва бародараш аспамро ғасб карданд. Умар Яълоро фаро хонд ва аз вай тавзеҳ хост. Вақте Яъло ӯро хабар дод, пурсид: Оё асп дар назди шумо ин қадар арзиш дорад? Нафаҳмидам, ки асп ин қадар арзиш доштааст. Аз чил гӯсфанд гӯсфанде (ба унвони закот) мегирем, вале аз асп ҳеҷ чиз намегирем?! Аз ҳар асп диноре закот бигир. Пас бар аспҳо як динорӣ закот баст»*.[1]

Ривоят шудааст, ки дар замони Марвон ибни Ҳакам уламо дар бораи закоти аспи соима ихтилоф карданд. *«Марвон аз саҳобагон дар ин бора машварат хост. Абуҳурайра ҳадиси: **«Дар ғулом ва асп бар шахс закоте нест»**-ро ривоят кард. Марвон ба Зайд ибни Собит гуфт: Ту чӣ мегӯӣ, эй Абусаъид? Абуҳурайра гуфт: Тааҷҷуби Марвон, ҳадиси расули Худо (с)-ро ривоят мекунам, вай бошад, Абусаъид, ту чӣ мегӯӣ, мегӯяд! Зайд гуфт: Расули Худо (с) рост фармудааст, вай бо ин ҳадис аспи ғозиро дар назар дорад. Аммо тоҷире, ки аз он насл (ва тиҷорат)-ро бихоҳад, пас дар он закот мебошад. (Марвон) пурсид: Чӣ қадар? Фармуд: Дар ҳар асп як динор ва ё даҳ дирҳам»*.[2]

Назди имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) бо такя ба ҳадиси боло дар асп закоте вуҷуд надорад ва дар аксари китобҳои фатво омадааст, ки фатво ба қавли Имомайн аст. Аммо назари Абуҳанифа (рҳ), ба хусус дар ин замон, ки соҳаи асппарварӣ ҳеле инкишоф ёфтааст, қавли роҷеҳ мебошад ва аксари аҳли илм ба он амал мекунанд.

Пас ба қавли Абуҳанифа (рҳ) аспҳо вақте нару модда бо ҳам якҷоя бошанд (яъне ба сурати галла бошанд), закот дар онҳо воҷиб мешавад. Бояд қиматгузорӣ шаванд ва аз ҳар чиҳил дирҳам як дирҳам закот бароварда шавад.

* * * *

Дар хар ва хачир закот вуҷуд надорад, яъне фарз нест, магар ин ки онҳоро ба мақсади тиҷорат гирифта бошад.

Ҳамон тавре мебинем, тамоми чаҳорпоёне, ки аз нисоб ва саршумори муайяни онҳо за-

[1] Мусаннафи Абдурраззоқ, 6889; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7513. – Ҷ. 5. – С. 553.

[2] Насбу-р-роя. – Ҷ. 1. – С. 359.

кот бароварда мешавад, вақте рӯ ба афзоиш ва наслдиҳӣ мегузоранд, барои афзоиши рӯ ба болои онҳо зинаҳои муайяне муқаррар гардидааст. Вақте шумораи онҳо ба зинае расид ва саршумори муайяни онро комил намуд, пардохти наве, ки илова бар пардохти нисоби аслист, бар соҳибашон воҷиб мегардад.

Ҳар миқдор афзоише, ки аз як зина то зинаи дигар (боло) ба вуҷуд меояд, то замоне ки нисоби он зинаро пурра (комил) насохта бошад, муоф аст. Баъзе фақеҳон ҳар зинаеро, ки пас аз нисоби аслист, нисоби дуюм, нисоби сеюм ва ғайра мегӯянд.

Бояд донист, чаҳорпоёни мазкур, вақте нисоби онҳо ададӣ ва бо саршумор аст, ки барои наслгирӣ, фарбеҳӣ ва пашму шир нигаҳдорӣ ва парвариш шаванд. Вале агар бо мақсади тиҷорат ва хариду фурӯш парвариш шаванд, дигар закоти онҳо аз рӯи нисоби ададӣ ва саршумор воҷиб намегардад.

Балки ҳамчун моли тиҷорат қиматгузорӣ мешаванд ва аз пули онҳо агар ба нисоби закот бирасад, закот бароварда мешавад. Дар сурати нарасидани миқдори онҳо ба нисоб, бо пули дигар ҷинсҳои тиҷоратӣ ва ё тилову нуқра ҷамъ карда мешаванд ва аз ҳамаашон, вақте ба нисоб расиданд, закот бароварда мешавад.

Вақте чаҳорпоёни мазкур барои тиҷорат бошанд, дигар соима будани онҳо шарт нест, яъне дигар зарурат надорад, ки тамоми сол ва ё бештар аз ними онро бо даҳони худ дар пушта чаро намоянд. Чи дар саҳро бичаранд, чи дар хона нигоҳубин шаванд, дар ҳар сурат аз қимати онҳо закот бароварда мешавад.

АҲКОМИ ГУНОГУН

Закоти чаҳорпоён дар сурате фарз (воҷиб) мешавад, ки:

1. Як соли қамарӣ бар онҳо гузашта бошад. Бинобар ин, мас., сад сар говро харидорӣ кунад ва пас аз нуҳ моҳ онҳоро бифурӯшад, закоти онҳо бар он шахс фарз нест.

2. Чаҳорпо дар тамоми сол бекор бошад. Бинобар ин, гов, асп ва ё шутуре, ки дар кори зироат ва ё боркашӣ аз онҳо истифода мекунанд, закот надоранд.

3. Чаҳорпо дар тамоми сол ё бештари он аз алафи биёбон (пушта) бичарад. Пас агар дар тамоми сол ё бештар аз нисфи сол, аз алафи чида (даравида)-шуда ва ё кошташуда бихӯрад, закот надорад.

Чаҳорпоёни хурд (бачагиҳо) закот надоранд, магар он ки чаҳорпоёни калон бо онҳо якҷо бошанд.

Фасли севвум

ЗАКОТИ ТИЛО, НУҚРА ВА МОЛҲОИ ТИҶОРАТӢ

Нисоби тило бист мисқол (воҳиди вазн) ва нисоби нуқра дусад дирҳам аст, ки дар вазн ба яксаду чиҳил мисқол баробар аст ва закоти ҳар ду рубъи (чаҳоряки) ушри онҳо, яъне аз чиҳил як ҳиссаи он (1/ 40) мебошад.

Рубъи (чаҳоряки) ушри бист мисқол тило ним мисқол ва рубъи ушри дусад дирҳам панҷ дирҳам аст. Бинобар ин, касе дорои бист мисқол тило бошад ва як сол аз он бигузарад, ним мисқоли онро барои закот мепардозад ва ҳамчунин ҳар касе дорои дусад дирҳам (нуқра) бошад ва бар дороии вай як сол бигзарад, панҷ дирҳами онро мепардозад.

Аз назари вазнҳои имрӯза (воҳиди вазнҳои ин аср) бист мисқол тило тақрибан ба ҳаштоду панҷ (85) грамм ва рубъи ушри он ба 2,184 ва ё 2,5 грамм баробар мебошад.

Дусад дирҳам нуқра дар вазн тақрибан ба панҷсаду наваду панҷ грамм баробар аст ва рубъи ушри он тақрибан 14/8 грамм мебошад.[1]

1. Ҳар кӣ баробари қимати бист мисқол тило ва ё дусад дирҳам (нуқра)-ро (аз пули дар гардиш ва роиҷи кишвар) доро бошад, бар ӯ низ закот фарз мебошад ва бояд онро бипардозад.

2. Дар мавриди тило дар бештар аз 20 мисқол дар ҳар 4 мисқол ду қирот, (ки тақрибан бо ним грамм баробар аст) закот аст ва дар мавриди нуқра дар бештар аз дусад дирҳам, дар ҳар чил дирҳам як дирҳам закот вуҷуд дорад.

3. Зеваролот ва зарфҳое, ки аз тило ва ё нуқра сохта шудаанд, дар сурате ки дар онҳо мақсади тиҷорат дар назар дошта шуда бошад ҳам, закот доранд.

4. Агар тило ва ё нуқра нохолис ва бо филизе омехта бошанд, нигоҳ мекунем, мас., агар дар тилои омехта (нохолис) миқдори бештари онро тило ташкил диҳад, дар ҳукми тило хоҳад буд, вале агар миқдори бештараш чизи дигаре бошад, дар ҳукми коло мебошад. Ҳукми нуқраи омехта ва нохолис низ ҳамин тавр аст.

5. Закот дар тамоми амвол ва колоҳои тиҷоратӣ дар сурате ки қимати онҳо ба нисоби тило ва ё нуқра бирасад, фарз аст ва нисобаш тавре ба тило ва ё нуқра қиматгузорӣ мегардад, ки барои фақирон ва табақаҳои камбизоат бештар фоида дошта бошад.

6. Агар касе дорои понздаҳ мисқол тило ва чанд мисқол нуқра бошад, ки қимати нуқраҳо ба қимати панҷ мисқол тило расад, ҳар ду бо ҳам ҷамъ мешаванд ва он шахс дорандаи бист мисқол тило ба шумор меравад ва ҳамин тавр закоти бист мисқол тилоро мепардозад.

7. Дусад дирҳам нуқра ба яксаду чиҳил мисқол баробар аст. Агар шахсе яксаду бист мисқол нуқра ва панҷ мисқол тило дошта бошад, ки қимати он ба бист мисқол нуқра баробар бошад, закот аз яксаду чиҳил мисқол нуқра воҷиб мешавад.

8. Шахсе дорои бист мисқол тило бошад ва он дар охири сол чаҳор мисқоли дигар афзоиш ёбад, хоҳ он чаҳор мисқолро мерос бурда бошад ва ё касе онро барояш бахшида бошад,

[1] Бар асоси воҳидҳои вазни имрӯза дар баргардон намудани мисқол, динор ва дирҳам ба грамм ва миллиграмм соҳибназарон ва коршиносони соҳа ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо бист мисқолро ба ҳаштоду панҷ (85) грамм баробар донистаанд. Баъзе дигар бист (20) мисқолро ба ҳаштоду ҳафт (87) грамм ва соҳиби Маҳмуду-л-фатово ба ҳаштоду ҳафт грамму чорсаду ҳафтоду нуҳ миллиграмм баробар донистаанд. Баъзе дигар онро ба навад грамм баробар медонанд.

Дар мавриди бароварди дусад (200) дирҳам низ назарҳои гуногун доранд. 1) 200 д. = 595 г, 2) 200 д. = 598 г, 3) 200 д. = 609 , 4) 200 д. = 612 г ва 612,35 г. Вале дар ҳар ду маврид аз рӯи эҳтиёт хуб аст ба камтарин андозаи нисоби онҳо амал карда шавад.

ҳисоби ин чаҳор мисқол аз ҳисоби асл чудо нест, балки ҳар гоҳ як сол бар он бист мисқол тамом шуд, аз бистучаҳор мисқол закот бароварда мешавад.

9. Ғайр аз тилову нуқра дигар чизҳо, ба монанди оҳан, биринҷ, мис, алюмин ва ғайра ва асбобу олоте, ки аз онҳо сохта шуда ва ҳамчунин либос, фарш ва ғайра агар дар онҳо мақсади тиҷорат дошта бошад ва қимати онҳо ба қимати бист мисқол тило ва ё саду чиҳил мисқол нуқра баробар бошад, баъд аз гузаштани сол бароварди закот аз онҳо воҷиб аст ва ҳукми моли тиҷоратро доранд. Аммо агар барои тиҷорат набошанд, ҳукми асбобу анҷоми хонаро доранд ва бар онҳо закоте воҷиб намегардад.

10. Шахсе дорои чанд манзил (хона) бошад, ки онҳоро ба иҷора медиҳад, ҳарчанд қимати онҳо бисёр ҳам бошад, дар онҳо закоте воҷиб нест. Аммо даромад ва пули кирояи онҳо дар охири сол, агар пули дигаре низ дошта бошад, якҷо дар нисоби закот ҳисоб мешаванд. Ҳукми зарфҳо ва дигар чизҳои ба иҷора додашуда низ ҳамин аст.

11. Дар либоси пӯшиданӣ ҳарчанд гарон бошад ҳам, закот нест. Аммо агар бо тилову нуқра мурассаъ ва ороста шуда бошад, ки ба миқдори нисоб бирасад, дар он вақт закоти онҳо воҷиб аст.

12. Шахсе дорои чанд мисқол тило, чанд мисқоли дигар нуқра ва миқдоре моли тиҷорат бошад, ки баъд аз қиматгузорӣ арзиши ҳамаи онҳо ба нисоби закот мерасад, бояд аз онҳо закот бароварда шавад.

13. Васоили савдогарӣ ва моли тиҷорат ба он асбоб ва дороие гуфта мешавад, ки ба нияти тиҷорат ва муомала харидорӣ мешаванд. Агар барои манзил (хона)-и худ хӯрду хӯрок (озуқа), мисли қанд, биринҷ, чой ва ғайра харад, вале баъдтар зарурате пеш ояд ва онҳоро ба фурӯш гузорад, дар қимати онҳо закот воҷиб намешавад.

14. Соҳиби нисоби закот, агар пеш аз тамом (пурра) шудани сол закоташро бидиҳад, ҷоиз аст. Ҳамчунин, агар закоти чанд соли ояндаро пеш бароварда намояд, ҷоиз мебошад.

15. Шахсе ҳанӯз соҳиби нисоб нагашта, вале эҳтимоли ба даст омадани даромаде ба миқдори нисоб вуҷуд дошта бошад, агар пеш аз ба даст омадани он маблағ закот бидиҳад, ҳанӯз на закоте бар зиммааш буда ва на закоте аз зиммааш соқит мегардад, балки бояд пас аз ба даст омадани маблағ ва гузаштани сол закоташро бипардозад.

16. Дар сурате ки закот барои чанд соли ояндаро пардохт намояд, вале дар ин миён дар молаш афзоише пеш ояд ва дороияш афзоиш ёбад, ба андозаи афзоиш изофаи закотро бипардозад.

17. Шахсе, мас., дорои даҳ ҳазор пул аст ва эҳтимоли расидани даҳ ҳазори дигарро медиҳад, агар закот барои бист ҳазор пулро пеш аз расидани нисфи эҳтимолии он бипардозад, ҷоиз аст.

18. Агар шахсе пас аз тамом шудани сол закоташро надиҳад ва ҳамаи молаш талаф ёбад, закот аз вай соқит мегардад.

19. Аммо агар худи шахс бо иродаву ихтиёри худаш сарваташро аз байн бибарад, закот аз вай соқит намегардад.

20. Пас аз тамом шудани сол, агар нисфи молаш талаф ёбад, ба миқдори талафгашта соқит ва аз боқимондаи мол закот воҷиб аст. Ин се масъала дар сурате мебошанд, ки аз рӯзи ба нисоб расидани молаш як соли пурра гузашта бошад.

Шахсе, ки молу пулаш ба нисоб расида бошад, шарт нест, ки дар тӯли сол ҳамон миқдори нисобро ҳифз намуда бошад, балки муҳим он аст, ки лоақал дар ду тарафи сол молики нисоби пурра бошад. Пас агар пеш аз тамом шудани як соли пурра молаш талаф ёбад ва ё аз нисоб кам гардад, закот аз вай соқит мегардад.

Вале агар молаш афзоиш ёбад, пас дар ҳар зинае аз афзоиш, ки дар бахшҳои гуногуни закот муайян гардидаанд, ба миқдори муайянгардида барои ҳар зина закот медиҳад. Ин ба иловаи он миқдорест, ки аз нисоби аслии мол бароварда мешавад. Пас аз нисоб он афзоише, ки дар миёни ҳар зина, яъне аз ҳар зина то зинаи дигар ба вуҷуд меояд, муоф мебошад. Ҳамон гуна ки нисоби том барои пардохти закот шарт аст, пурра гардидани нисоби ҳар зина барои пардохти иловагӣ низ шарт мебошад.

21. Агар моли ҳалолу ҳаромро якҷо ҷамъ ва ба ҳам омезад, закоти онро бояд бидиҳад, яъне ҳаром будани миқдоре аз мол монеи закот намегардад.

22. Агар шахсе пас аз воҷиб шудани закот аз дунё гузарад, аз моли вай закот бароварда намешавад. Агар ба додани закот васият намояд,

аз сеяки моли таракааш (миқдори нуфузи васият) закот дода мешавад, агарчи барои он кифоят накунад. Аммо агар ворисон ба майли худ аз бештар аз сеяки он закот диҳанд, ҷоиз аст.

23. Баъд аз гузаштани сол, агар қарздеҳ қарзи худро ба қарздор бахшад, агар қарздор нодор бошад, закоти он сол аз қарздеҳ соқит мегардад, зеро он молро ба вай ҳиба ё садақа кардааст ва он ба манзалаи ҳалок (талаф шудан)-и моли закот аст. Бинобар ин, закоти он мол аз вай соқит мегардад. Аммо агар қарздор сарватманд бошад, ин бахшиш дар ҳукми истифодаи худи молик ва тасарруфи ӯ дар молаш аст ва қарздеҳ закоти он солро бояд бипардозад.[1]

24. Садақоти (пардохтҳо) ғайри фарзӣ ва воҷибӣ, яъне садақоти нафлӣ вақте ҷоиз мегарданд, ки бештар аз заруриёт ва эҳтиёҷоти худ ва аҳлу аёлаш мол дошта бошад, дар ғайри ин сурат макрӯҳ аст.

МИСҚОЛ ВА ДИНОР

Мисқол воҳиди вазн аст. Дирҳам ҳам воҳиди вазн аст ва ҳам воҳиди пули нуқра. Воҳиди пули тило бошад, динор аст. Динор вожаи арабишуда аст, ки аз тариқи забони форсӣ ва ё муомалоти молии роиҷ бо сиккаҳои юнонӣ ба он интиқол ёфтааст ва ба маънои қитъаи тилои сикказадашуда аст, ки вазни он ба як мисқол баробар аст ва дар истилоҳи фақеҳон муродиф бо он ба кор бурда мешавад. Дирҳам низ вожаи арабишуда аст, ки аз тариқи забони форсӣ ба он гузаштааст[2] ва ба қитъаи нуқраи сикказадашуда итлоқ мегардад ва навъ ва вазн бар асоси таомули аҳли ҳар сарзамин ва кишваре фарқ мекунад.

Закот ба асли тило ва нуқра тааллуқ мегирад, на ба қимати онҳо. Яъне вақте вазни онҳо ба нисоби муайян расид, ки дар тило бист мисқол ва дар нуқра дусад дирҳам мебошад, закот дар онҳо воҷиб мегардад. Аммо қимати онҳо дар ҳар замон ва бо ҳар шароите тағйир меёбад ва закот ба қимати онҳо вобастагӣ надорад. Тило ва нуқра дар закот асл қарор мегиранд ва пулҳои роиҷи ҳар замоне, банкнотҳо, коғазҳои баҳодор ва ғайра дар муайян намудани миқдори закоти онҳо, ба қимати ҳамонрӯзаи тило ва ё нуқра муқоиса ва баровард мегарданд.

Ба гуфтаи Балозурӣ дар «Футӯҳу-л-булдон» ба нақл аз Абдуллоҳ ибни Саълаба дар замони ҷоҳилият динорҳои Ҳирақл (аз кишвари Руми Шарқӣ) ва дирҳамҳои бағлия аз форсиён бар аҳли Макка ворид мегаштанд ва онҳо бо он динорҳо ба эътибори тибр – тилои коркардношуда ва нохолис муомала ва хариду фурӯш мекарданд, вазни мисқол дар он замон маъруф ва маълум буда, ба бисту ду қирот, магар як хурда – донаи ҷаве баробар буд ва ҳар даҳ дирҳам ба ҳафт мисқол баробар буд. Ва вазни ратл ба дувоздаҳ уқия ва ҳар уқия ба чиҳил дирҳам баробар буд. Пас расули Худо (с) (муомалаи) аҳли Маккаро бар вазни он таъйид фармуд ва (пас аз вай) Абубакру Умар, Усмону Алӣ ва Муъовия низ онро таъйид намуда ҳамчунон бетағйир боқӣ гузоштанд. Вақте Абдулмалик ибни Марвон ба хилофат расид, вазнҳои динору дирҳамҳои роиҷ аз замони ҷоҳилиятро ҷустуҷӯ ва баррасӣ намуда, ба Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф фармуд, ки сиккаи нуқра ба вазни понздаҳ қироти динор бизанад ва худаш сиккаҳои динори димишқиро зад[3]

Нававӣ ба нақл аз Абусулаймони Хаттобӣ дар Маолиму-с-сунан овардааст, ки Абдулмалик ибни Марвон – халифаи умавӣ пас аз иҷрои ислоҳоти пулие дар кишвар тайи солҳои 75-79 ҳ./794-798 м. вақте хост сиккаи тило – динор ва нуқра бизанад (ва пули кишвари исломиро содир намояд), (аҳли илм ва таҷрибарро) аз вазнҳои даврони ҷоҳилият пурсид, онҳо

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 220, 225, 283–284.

[2] Динор аз вожаи юнонии динориюс бархоста ва дар давраи зуҳури ислом сиккаи шинохта ва дар ҷаҳони он рӯз роиҷ будааст. Аз он ҷо ки сиккаҳои тилоӣ дар даврони ҷоҳилият аз кишвари Византия – Руми Шарқӣ ба Макка ворид мешуда, арабҳо то ҷое ба он шиносоӣ доштаанд ва пас аз ислом ҳам то муддате ба ҳайси пули роиҷи мамолики исломӣ боқӣ мондааст. Дар замони хилофати Абдулмалик ибни Марвон тайи ислоҳоти пулие ҳудуди солҳои 75 ҳ. динор – сиккаҳои тилои исломӣ ба гардиш дароварда шуд, вале вазни онҳо аз сиккаҳои румӣ фарқе намекард.

Дирҳам низ аз вожаи дрохмаи юнонӣ бархоста ва пас аз кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар кишвари Эрон роиҷ гардидааст ва аз ин тариқ ба забони арабӣ роҳ ёфтааст.

[3] Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ, Футӯҳу-л-булдон. – С. 651, 652. – Бейрут, 1987; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 21. – С. 26-29.

иҷмоан ба ӯ гуфтанд, ки як мисқол ба бисту ду қирот, ба ҷуз донаи ҷави шомие ва ҳар даҳ дирҳам ба ҳафт мисқол баробар аст ва ӯ (бо ин вазн) сикка зад.[1]

Дар муайян намудан ва баргардони миқдори воҳидҳои вазни тило ва нуқра, яъне мисқол ва дирҳам, ба воҳидҳои вазни роиҷи имрӯза – грамм ва миллиграмм – дар миёни коршиносони соҳа тавофуқи назаре вуҷуд надорад. Дар гузашта онҳоро бо ченакҳои одӣ ва муқаррарие, ки барои ҳама равшан ва осон буд, вазн ва муайян намудаанд. Ба ин шакл, ки як мисқол ба бист (20) қирот ва ҳар қироте ба панҷ (5) донаи ҷав баробар аст. Яъне як мисқол ба вазни сад донаи ҷав баробар мебошад ва бист мисқол вазни ду ҳазор (2000) донаи ҷавро дорад.

Як дирҳам бошад, ба чордаҳ (14) қирот ва ҳар қирот ба панҷ (5) донаи ҷав баробар мебошад, яъне вазни як дирҳам баробари ҳафтод донаи ҷав аст. Пас дусад дирҳам, ки нисоби закоти нуқра мебошад, баробари вазни чордаҳ ҳазор (14000) донаи ҷав аст.

Назди ҷумҳури аимма – моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ як мисқол – як динор ба бисту ду қирот, ба ҷуз донаи ҷави шомие баробар буда ва он ба вазни ҳафтоду ду донаи ҷави миёнаи пӯстноканда, ки лабаҳои дарози он аз ду тараф гирифта шудаанд, баробар аст.

Дар ҳар замоне ки сиккаҳои (тангаҳои) тило ва нуқра ба муомила гузошта шаванд, ҳамон гуна ки дар гузашта маъмул буд, бар асоси меъёрҳо ва стандартҳои ҳар кишваре метавонад дар вазни онҳо камӣ ва зиёдие ба ҳисоби миллиграмм ба вуҷуд ояд. Вале закот ба асли ин ду унсур (элемент)-и қимат тааллуқ гирифта-аст ва вазни онҳо муайян гардидааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ихтилофи назарҳое, ки дар муайян намудани миқдори мисқол бар асоси воҳидҳои вазни роиҷи имрӯза – грамм – дар миёни коршиносони соҳа ҷой дорад, бист (20) мисқол аз ҳаштоду як грамму сесаду шаст (81,360) мг. то навад (90) грамм баровард шудааст. Яъне ҳар мисқол ба чор грамму шасту ҳашт (4,68) мг, чор грамму сесаду шасту ҳашт миллиграмм (4,368 мг) ва ё каме бештар аз он ва ё ба чоруним (4,5) грамм баробар дониста шудааст. Ин нисоби тило аст.

Нуқра бошад, ҳар даҳ дирҳами он бояд ба ҳафт мисқол баробар бошад. Ҳафт мисқол бинобар вазни миёна дар назди коршиносони соҳа 29,876 грамм мебошад. Бар ҳамин асос, дусад дирҳам (200) бояд яксаду чил мисқол (140) вазн дошта бошад, ки бинобар тафовути назари фақеҳон аз панҷсаду наваду панҷ (595) грамм то шашсаду дувоздаҳ (612) граммро ташкил медиҳад.

Дар баъзе луғатномаҳо вазни як мисқолро ба чор грамму шасту ҳашт миллиграмм (4,68 г) баробар донистаанд, ки дар миллиграмми он норасоие ба чашм мехӯрад. Зеро дар он сурат бист мисқол ба ҳаштоду як грамму сесаду шаст миллиграмм (81,360 г) баробар мешавад ва он аз поёнтарин бароварди фақеҳон ки ҳаштоду панҷ грамм (85 г) аст, хеле кам мебошад.

Баъзе муҳаққиқон ва ковишгарон тариқаи таҳқиқи истиқроии вазни динорҳои бозёфтшуда аз замони халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвонро, ки дар осорхонаҳои бостоншиносии кишварҳои ғарбӣ: Лондон, Париж, Мадрид ва Берлин ҳифз ва ё дар осорхонаҳои баъзе кишварҳои исломӣ, ба монанди Қоҳира дар Миср нигаҳдорӣ мешаванд, барои муайян кардани вазни дақиқи нуқуди исломӣ ва аввалин сиккаҳои тилову нуқраи садри ислом ва бароварди он бо вазнҳои имрӯза муваффақтар донистаанд. Муҳаққиқони ғарбӣ вазни ин сиккаҳои тило – динори марбут ба аҳди Абдулмаликро ба чор грамму бисту панҷ садуми грамм (4, 25 г) баробар гуфтаанд, ки дар ин сурат бист мисқол тило – бист динор ба ҳаштоду панҷ (85) грамм баробар аст ва вазни як дирҳами нуқра бо баркаши ҳар даҳ дирҳами он ба ҳафт мисқол ба 2,975 грамм баробар мебошад.

Гуфтанист, ки мураттибони Доиратулмаорифи исломии Британия низ дар зайли моддаи динор ва дирҳам рақамҳои фавқро зикр кардаанд. Вазни динори Византия – Руми Шарқӣ низ ҳамин будааст. Баъзе муҳаққиқони бостоншинос дар кишварҳои исломӣ, аз ҷумла дабири кулли осорхонаи фанни исломӣ дар Қоҳира Абдурраҳмон Фаҳмӣ Муҳаммад натоиҷи фавқро таъйид намудаанд.[2]

[1] ал-Мақризӣ. Рисолату ан-нуқуди-л-қадимати-л-исломия зимна Расоили-л-Мақризӣ. – С. 161. – Қоҳира, 1998; Нававӣ, ал-Маҷмуъ. – Ҷ. 5. – С. 501. – Ҷ, 1980; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 21. – С. 27-28.

[2] Юсуф Қарзовӣ, Фиқҳу-з-закот. – Ҷ. 1. – С. 258-260,

Пас ҳар касе, ки ба вазни бист мисқол (20) тилои соф ва ё ба вазни дусад (200) дирҳам нуқраи соф ва ё асбобу анҷом, зарфҳо ва зеваролоти аз онҳо сохташуда дошта бошад ва як соли моҳтобӣ бар моликияти вай бигузарад, закот бар вай воҷиб мегардад. Истеъмол шуда бошанд, ё не, аҳаммияте надорад.

Ин дар бораи нисоби закот буд, ки ба вазни тило ва нуқра тааллуқ мегирифт. Аммо миқдори пардохти закоти онҳо бошад, аз бист (20) мисқол тило ним мисқол ва аз дусад (200) дирҳам панҷ (5) дирҳами он ҳаққи пардохти закот аст. Ним мисқол тақрибан ба ду грамму яксаду ҳаштоду чор миллиграмм (2,184 гр.) ва ё ба ду грамму дусаду панҷоҳ (2,250) мг ва панҷ (5) дирҳам тақрибан ба понздаҳ (15) грамм баробар мебошад. Шахси соҳибнисоб метавонад ҳамон ним мисқол тило ва ё панҷ дирҳам нуқраро ба унвони ҳаққи закот пардохт намояд ва ё қимати онҳоро бо нархи фурӯши ҳамонрӯзаи ҳар грамми тило ва нуқра бипардозад.

Бояд донист, ки ҳамон гуна ки арзиши тилову нуқра дар ҳар замоне ва дар ҳар шароите фарқ мекунад ва поёну боло меравад, дар муқоисаи миёни онҳо бо якдигар низ чунин нопойдорӣ ва тағйирёбиҳои даврагӣ ба вуҷуд меояд. Яъне набояд чунин тасаввур кунем, ки арзиши дусад (200) дирҳам ва ё ҳудуди шашсад (600) грамм нуқра ҳамеша ба бист (20) мисқол ва ё ҳаштоду панҷ (85) грамм тило баробар аст. Балки гоҳо мешавад, ки нархи шашсад (600) гр. Нуқра ба арзиши понздаҳ ва ё шонздаҳ (15-16) ва ё аз он ҳам камтар мисқол тило баробар бошад.

Пас дар сурате ки ҳар грамм тило бар асоси нархҳои ҳамонрӯза, баробари даҳ ё дувоздаҳ ва ё чордаҳ доллари амрикоӣ арзиш дошта бошад, ҳаштоду панҷ (85) грамми он ки нисоби тило аст, ба ҳаштсаду панҷоҳ (850) то ҳудуди ҳазору дусад (1200) доллари амрикоӣ баробар мебошад. Нархи шашсад (600) грамм нуқра, агар мас., ба арзиши чордаҳ (14) мисқол тило баробар бошад, дар он сурат ба шашсад (600) доллар (то ҳаштсаду чил доллар) баробар мебошад. Дар ин ҳолат бинобар назари фақеҳони динӣ ва коршиносони соҳаи фиқҳ, бояд дид, ки арзиши кадом яке аз ин ду меъёри шаръӣ, ки дар бароварда ва муайян намудани миқдори закоти чизҳои дигар асл қарор гирифтаанд, барои табақаи камбизоат ва камбағалони ҷомеа нафъовартар аст.

Сарватмандон ва соҳибони сармоя, вақте аз пули миллии кишвар, бонкнотҳо, коғазҳои баҳодор, евро, доллар ва ғайра мехоҳанд закот бидиҳанд, нисоби онро бо муқоиса ба арзиши бист (20) мисқол тило муайян месозанд ва ё ба арзиши дусад (200) дирҳам? Агар бо нархи тило бароварда шавад, дар сурати даҳ доллар будани ҳар грамми он, нисоби закот аз миқдори ҳаштсаду панҷоҳ (850) доллар шурӯъ мешавад. Аммо бо муқоиса ба нархи нуқра аз миқдори шашсад (600) доллар закот мепардозад. Дар сурати паст будани нисоби закот шумораи закотдиҳандагон ва соҳибнисобон бештар мегардад ва барои оммаи мардум манфиати зиёдтаре ҳосил мешавад. Ин барои равшан намудани мавзӯъ буд, вагарна на доллар ва на пули дигаре дар муайян сохтани нисоби закот асл шуморида намешавад.

Агар аз зеваролот ва дигар васоили ороиши тилоӣ ва нуқрагӣ хонумҳои хона барои зебоӣ ва ороиши худ истифода баранд ва ё барои боигарӣ, тиҷорат ва ё ягон рӯзи мабодо (лозимӣ) харида шуда бошанд ва хонумҳо гоҳ – гоҳе барои зебоии худ онҳоро истифода намоянд, дар ҳар ду ҳолат закоти онҳо воҷиб мебошад.

БАРОБАРИИ АРЗИШИ ТИЛО ВА НУҚРА ДАР ЗАМОНИ РАСУЛИ ХУДО (С)

Ба ин нукта низ бояд таваҷҷуҳ намоем, ки аз маҷмӯи аҳком ва пардохтҳои молие, ки дар шариат муайян гардидаанд, бармеояд, ки дар замони расули Худо (с) – замони қонунгузории ислом – арзиши як мисқол тило ба даҳ дирҳам ва ё ҳафт мисқол нуқра баробар будааст. Бинобар ин, дусад дирҳаме, ки дар вазн ба яксаду чил мисқол баробар бошад, нисоби нуқра таъ-

ба нақл аз китоби Санҷу-с-сиккати фӣ фаҷри-л-ислом (Абдурраҳмон Фаҳмӣ Муҳаммад); ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 21. – С. 27-28; Энсиклопедияи исломӣ [THE ENCYCLOPAEDIA OF ISLAM]. (таҳти моддаи [DINAR and DIRHAM]. – Ҷ. 1. – Лейден, 1913; Доиратулмаорифи исломӣ (таҳти моддаи «Динор ва дирҳам»). – Ҷ. 9. – Қоҳира, 1933.

йин гардидааст ва он низ яке аз меъёрҳои аслии закот ва дигар пардохтҳои молӣ дониста шудааст. Арзиши дусад дирҳам дар он замон бо арзиши бист мисқол тило баробар будааст.

Ҳаҷми закоте, ки аз дусад дирҳам бароварда мешавад, панҷ дирҳам муайян шудааст, ки он бо ним мисқол тило - закоти бист мисқол тило – баробар мебошад.

Миқдори пардохти дия (хунбаҳо)-и қатли ба хато дар шариат ҳазор динор (мисқол) тило ва ё даҳ ҳазор (10 000) дирҳам муайян сохта шудааст. Ин низ баёнгари баробарии арзиши даҳ дирҳам ва ё ҳафт мисқол нуқра ба як мисқол тило дар он замон мебошад.

Дар замони хилофати Умар (рз) дар арзиши нуқра каме коҳиш ба вуҷуд омада, як динор ба дувоздаҳ дирҳам баробар шуда буд. Ба ҳар ҳол ин баробарӣ ва тавозун дар арзиши ҳар ду ҷинс то даврони пайдоиши мактабҳои фиқҳӣ ва таълифи китобҳо дар бораи масоили аҳком тақрибан бо коҳиши андаке дар арзиши нуқра бетағйир боқӣ мондааст ва дар он тафовути чашмрасе ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, фақеҳони киром ва коршиносони соҳаи фиқҳ он тафовути андакро ба нафъи мардум дониста, сарватмандонро ба амал кардан ба ваҷҳи нафъовартари онҳо даъват кардаанд.

Вале имрӯзҳо пас аз шиносой, истихроҷ ва коркарди васеи захираҳои тило ва нуқраи ҷаҳон, ба хусус дар ним асри гузашта, арзиши онҳо тафовути зиёде пайдо кардааст, ба тавре ки дар ҳоли ҳозир, агар арзиши як грамм тило ба сӣ то шаст (30-60) доллар ва ё бештар аз он расида бошад, арзиши як грамм нуқра ба поёнтарин сатҳи худ расидааст ва ба як сомонӣ ва ё камтар аз он – камтар аз панҷяки доллар поён рафтааст.

Пас дар чунин ҳолат ба назар мерасад, ки миқдори нисоби дигар навъи дороиҳои пулиро ба арзиши имрӯзаи нуқра муқоиса ва бароварди намудан барои таъмини ҳадафҳои нахустини қонунгузории Ислом чандон мувофиқ намебошад. Бинобар ин, хуб мешавад, ки феълан танҳо тило асл ва меъёри аҳкоми шаръӣ дар тамоми навъҳои пардохтҳои молӣ қарор дода шавад.

Донишмандони ҷаҳони ислом дар ин бора ҳанӯз ба хулосаи ягона ва қарори умумие наомадаанд, вале ин назарро дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта шуморе аз донишмандони ҷаҳони ислом, ба монанди устод Абузуҳра, Абдулваҳҳоб Халлоф ва Абдулфаттоҳ Афиф Таббора пешниҳод ва ҷонибдорӣ карда буданд.[1]

Муҳаммад Сулаймони Ашқар низ ба ин воқеият ишора менамояд ва мефармояд: «Дар асри ҳозир баъзе фақеҳон ва коршиносони соҳа ба танҳо асл ва мелоки амал қарор додани нисоби тило дар бароварди ва муайян сохтани арзиши молҳои тиҷоратӣ, коғазҳои баҳодор ва пулҳои роиҷ аз худ тамоюл нишон додаанд. Ва устувории қудрати хариди тило барои он асоси равшане мебошад.

Бо нисоби тило, ки бист мисқол мебошад, дар замони паёмбар (с) тақрибан бист гӯсфанди ҳиҷозӣ харидорӣ карда мешуд ва бо дусад дирҳам нуқра низ тақрибан ҳамин миқдорро харидорӣ карда мешуд. Аммо дар асри ҳозир бо дусад дирҳам танҳо як гӯсфанд харида мешавад, дар ҳоле ки бо бист мисқол тило ҳоло ҳам (соли 1417 ҳ.) тақрибан бист гӯсфанди ҳиҷозӣ харида мешавад.

Ин устувории бардавоми қудрати бозорӣ ва хариди тило ҳикмати андозаи нисоби закотро ба таври комил таҳаққуқ мебахшад, баръакси нисоби нуқра».[2]

ЗЕВАРОЛОТ ВА ВАСОИЛИ ОРОИШӢ

Дар бораи воҷиб шудан ва ё нашудани закот дар зеваролоти тилоӣ ва нуқрагӣ дар миёни мактабҳои фиқҳӣ ду назар вуҷуд дорад. Назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ он аст, ки дар зеваролот ва васоили ороишии тилоӣ ва нуқрагӣ закот воҷиб мешавад. Уммисалама (рз) мефармояд: ***«Зеварҳои тилоие мепӯшидам. Пурсидам: Эй расули Худо (с), оё инҳо канз*** (ва андӯхтаи наҳйшуда) ***ба шумор мераванд? Фармуд: Ҳар чизе ба ҳадди закот расид ва закоти онро пардохт намудӣ, он канз ба шумор намеравад»***.[3]

---

[1] Барои огоҳии бештар хоҳишмандон метавонанд ба китобҳои Ҷомеаи исломӣ. Муҳаммад Абузуҳра. – С. 92 ва Рӯҳи дини исломӣ. Абдулфаттоҳ Таббора, фасли бистуякум муроҷиат намоянд.

[2] Пажӯҳишҳои фиқҳие дар бораи проблемаҳои муосири закот. – Ҷ. 1. – С. 30.

[3] Сунани Абудовуд, 1564; Мустадраки Ҳоким, 1478. – Ҷ. 2. – С. 8; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7026, 7341. – Ҷ.

Оиша (рз) низ мефармояд: ***«Расули Худо (с) бар ман дохил шуд ва дар дастам ангуштариҳои нуқрагиеро дид. Пурсид: Ин чист, эй Оиша? Гуфтам: Инҳоро худам сохтам, то барои ту худамро ороиш диҳам, эй Расули Худо (с). Гуфт: Оё закоташонро адо менамоӣ? Гуфтам: Не. Фармуд: Ҳаминҳо барои ба оташ рафтани ту кифоя бошанд»***.[1]

Дар ин бора ривоятҳои дигаре низ омадааст, ки ба воҷиб будани закот дар васоили ороишии тилоӣ ва нуқрагӣ далолат мекунанд. Вақте зеваролот ва васоили ороишии зан дар маҷмӯъ, аз чала, гӯшвор, дасмона, гарданбанд, бозубанд ва ғайра ба ҳадди нисоби тило ва ё нуқра бирасанд, аз онҳо закот дода мешавад. Нисоби закоти онҳо дар ин ҳолат низ ба вазн аст, ки дар маснӯоти тилоӣ бист мисқол (85 г) ва дар сохтаҳои нуқрагӣ 595 г мебошад. Он арзиши корӣ ва қимате, ки пас аз коркард ба онҳо изофа шудааст, дар ин ҳолат ба закот ҳамроҳ карда намешавад. Ҳамчунин нархи сангҳои қиматбаҳое, ки дар он ба кор рафтааст, ба ҳаҷми закот изофа карда намешавад.

Дар сурате онҳо ба танҳоӣ ба нисоби закот нарасанд, ба дигар дороиҳо ва сармояи закотии вай зам карда мешаванд ва дар якҷоягӣ закоти онҳо бароварда мешавад.

Аммо шахсе ба тиҷорати васоили ороишӣ, зеваролот ва дигар маснӯоти тилоӣ машғул бошад, вай аз арзиши бозории онҳо дар ҳамон рӯз закот медиҳад. Закот дар ин ҳолат ба қимати онҳо тааллуқ пайдо мекунад ва онҳо ба унвони моли тиҷорат нархгузорӣ мегарданд. Арзиши коркард ва сангҳои қиматбаҳо низ дар он дохил мебошад. Вале агар арзиши он ба сабаби вайронии ҷузъӣ ва ё мувофиқ наомадан ба зоиқаи мардум аз тило ва нуқраи коркардношуда поинтар бошад, дар он сурат закоти онҳоро аз вазнашон пардохт менамояд.

Аммо шахси ҷавҳарӣ ва устое, ки ба сохтан ва ё рӯкаш намудани маснӯоти тилоӣ ва нуқрагӣ сару кор дорад, онҳо асли маводи хомеро, ки дар маснӯоти худ ба кор бурдаанд, қиматгузорӣ менамоянд ва вақте он ба ҳадди нисоб расида бошад ва шартҳои дигари вуҷуб ва пардохти закот низ дар он таҳаққуқ ёфта бошад, закоташро адо менамояд.

Ба ҳар сурат, агар дар сохти онҳо ҳунарҳои шаръан ҳаром ва мамнӯъ ба кор рафта бошад, ба монанди сохтани бутҳои тилоӣ, салибҳо (крестҳо) ва ғайра ва ё барои мавридҳои шаръан мамнӯъ сохта шуда бошанд, ба монанди бозубандҳо ва зиреҳҳои тилоӣ барои мардон, ҳаргиз ин арзиши корӣ дар қимати он илова карда намешавад. Шахси ҷавҳарӣ, усто ва тоҷир закоти моддаи аслии онҳоро пардохт менамояд ва онҳоро бар асоси фармоишоти шаръ бояд аз нав коркард намояд ва ба ашёи ҷоизе табдил диҳад. Зеро даромади чунин касбҳое ҳаром мебошад.[2]

Зарфҳои мавриди ниёзи манзил, ба монанди қошуқ, чангак ва ғайра, ки аз тило ва нуқра сохта шуда бошанд ва ё ба он рӯкаш шуда бошанд, ба монанди чойнику пиёла ва ғайра, хоҳ дар истифода бошанд, хоҳ барои зебоии хона дар ҷевонҳо гузошта шуда бошанд, дар ҳар ду сурат бояд закоти онҳо бароварда шавад. Хоҳ таркиби онҳо комилан ва ё аксаран аз тило ва нуқра бошанд, хоҳ рӯкашшуда, закот ба вазни тилои онҳо тааллуқ пайдо мекунад.

Агар вазни тилои онҳо дар тамоми суратҳои боло ба ҳадди нисоб нарасад, ба дигар ҷинсҳое, ки дар онҳо закот воҷиб шудааст, дар вақти бароварда ва ҳисоби закот ҷамъ карда мешаванд.

Албатта, ин ба маънои он нест, ки истифодаи зарфҳо ва дигар васоили тилоӣ ва нуқрагӣ дар манзил шаръан ҷоиз мебошад, балки Ислом пайравони худро аз чунин таҷаммулгароӣ ва ҳаёти ишратпарастона комилан боздоштааст. Ислом аз як сӯ, намехоҳад пайравони он ба чунин таҷаммулгароии муфрит ва айёшӣ дода шаванд ва аз сӯи дигар, мехоҳад ин металлҳои қимат дар корҳои муҳимтаре, ки ба пешрафти зиндагии умуми ҷамъият иртибот доранд, сарф гарданд. Мас., захираи онҳо барои мустаҳкам намудани пуштибонаи пулии кишвар дар хазонаи давлат нигаҳдорӣ шавад ва ё дар сохтани дастгоҳҳо ва васоиле, ки дар пешрафт ва шукуфоии иқтисоди кишвар зарурӣ мебошанд, ба кор бурда шаванд ва ҳоказо.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Дар зарфҳои тилоӣ ва нуқрагӣ об нанӯшед ва дар лаълиҳои он таом нахӯред. Зеро он дар дунё барои онҳо (ко-***

4. – С. 83.

[1] Сунани Абудовуд, 1565; Мустадраки Ҳоким, 1477. – Ҷ. 2. – С. 7; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7338. – Ҷ. 4. – С. 139.

[2] Пажӯҳишҳои фиқҳие дар бораи проблемаҳои муосири закот. – Ҷ. 1. – С. 57-59.

фирона)-ст ва дар охират барои мо аст».[1] Чӣ тавре мебинем, паёмбар (с) чунин айёшӣ ва таҷаммулгароиро аз ҷумлаи расму атвори кофирон донистааст ва мусулмононро аз он наҳй намудааст.

Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Касе дар зарфи тило ва ё нуқра бинӯшад, оташе аз ҷаҳаннамро дар шикамаш ба садо даровардааст»***.[2]

МОЛҲОИ ТИҶОРАТӢ

Ба фарз будани закот дар даромадҳои ба даст омада аз касбу кор, аз тиҷорат ва аз зироату меваҷот ояти шарифаи 267-уми сураи Бақара далолат менамояд, он ҷо, ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِن طَيِّبَٰتِ

مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّآ أَخْرَجْنَا لَكُم مِّنَ ٱلْأَرْضِ

«Эй касоне, ки имон овардаед, аз даромадҳои поке, ки касб намудаед ва аз он чи Мо бароятон аз замин берун овардаем, инфоқ намоед…».

Ҳар чизеро, ки инсон барои тиҷорат ва хариду фурӯш ба даст оварад, ба он моли тиҷорат гуфта мешавад ва бо фароҳам гардидани шароити махсус дар он закот воҷиб мегардад.

1. Нияти тиҷорат доштани соҳиби он.

2. Ба ҳадди як нисоб аз тило ва ё нуқра расидани қимати он.

3. Гузаштани як соли тиҷоратӣ.

Ҳангоми нархгузории молҳои тиҷоратӣ асбобу анҷом, васоили зарурӣ барои пешбурди тиҷорат ва дастгоҳҳои мавҷуд дар дӯкони тиҷоратӣ ба онҳо ҳамроҳ карда намешаванд. Агар арзиши молҳои тиҷоратиаш ба як нисоб нарасад, аз онҳо закот намедиҳад.

Вақте шахси тоҷир ҷинсҳои (ассортимент) гуногуни тиҷорӣ, аз қабили хӯрока, пӯшок, асбобу анҷом, мошин ва ғайра дошта бошад, тамоми онҳоро якҷоя қиматгузорӣ мекунад ва аз пули ҳамаи онҳо агар миқдори нисоб ва бештар аз онро ташкил диҳад, закот медиҳад. Молҳои тиҷоратӣ бо арзиши миёнаи ҳамонрӯза – рӯзи бароварди закот қиматгузорӣ мешаванд.

Шарт нест, ки дар вақти баровардани закот тамоми моли тиҷорататаш фурӯхта шуда ва ба пул табдил ёфта бошад, балки гардиши чархи тиҷорат аст. Гоҳе мол фурӯхта ва ба пул иваз мешавад ва замоне бо он пул ба ҷояш моли дигаре харида мешавад. Ба ҳамон вазъе, ки ҳаст, нархи молу ашёи тиҷориаш муайян сохта мешавад ва аз қимати маҷмӯи онҳо закот бароварда мешавад.

Агар мусулмони сарватманде саҳмия (аксия)-ҳои корхона, завод ва ё биноҳои тиҷоратию саноатиеро харид ва дар онҳо мақсади тиҷорат дошта бошад, яъне дар назар дошта бошад, ки онро пас аз муддате боз ба фурӯш гузорад, дар ин сурат бо фароҳам гардидани шароити хосси закот, аз қимати умумии он закот медиҳад.

Вале агар дар назар дошта бошад, ки онро дар корҳои саноатӣ, тиҷоратӣ, истеҳсолот ва ғайра мавриди истифода қарор медиҳад ва ё қисмате аз онро ба иҷора медиҳад, дар ин ҳолат аз даромади он закот медиҳад. Он ҳам вақте ба нисоб бирасад ва агар ба нисоб нарасад, бо дигар дороиҳояш, ки дар онҳо шароити закот таҳаққуқ ёфта буд, ҷамъ намуда, аз ҳамааш закот медиҳад.

Автопаркҳои хусусӣ ва марказҳое, ки васоили нақлия ва дигар васоили техникии худро ба иҷора (кироя) медиҳанд, ҳукми корхонаҳо ва биноҳои тиҷоратиро доранд.

Шахсе як миқдор пули худро, барои эҳтиёт ё барои кори муҳимме дар оянда, аз муомила берун сохта, пас аз баровардани закоташ, дар бонке амонат гузорад ва ё дар хонааш нигоҳ дорад, ҳарчанд он пулро аз зоиш ва афзоиш (нумӯ) берун намуда, дар ҷое беҳаракат нигоҳ доштааст, вақте пас аз гузашти сол он мол пурра ё ба миқдори нисоб аз он боқӣ монда бошад, закоти онро бояд бипардозад. Зеро аз нумӯ бозмондани он дар натиҷаи таҷмид ва аз гардиш боздоштани он ба вуҷуд омадааст. Зеро он пул тақдиран дорои қудрати нумӯ аст.[3]

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 5426, 5632, 5633; Саҳеҳи Муслим, (2067)-4.

[2] Саҳеҳи Муслим, (2065)-2.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 213–214. Зеро пул дар ин ҳолат гарчи барои рафъи эҳтиёҷоти пешгӯишуда ё ношуда нигаҳдорӣ шуда, вале чун амалан ба инфоқ нарасида, пардохти закоти он воҷиб аст. Аммо агар пас аз гузашти сол ба инфоқи он амалан ниёз дошта бошад, ба

ЗАКОТИ ҚАРЗҲО

Шахсе як миқдор пулу мол дошта бошад ва дар айни ҳол қарздор ҳам бошад: Агар қарзе, ки бар гардани ӯст, тамоми пулу моли дар даст доштаашро фаро гирад, дар ин сурат закоте бар вай воҷиб нест. Вале агар қарз қисмате аз молашро фаро гирад ва қисмате аз он ҳамчунон боқӣ монад, пас дар қисмати боқимондаи он, агар ба ҳадди нисоб бирасад ва соле ҳам аз рӯзи молик гардидани он гузашта бошад, закот бар вай воҷиб мегардад. Аммо агар қисмати боқимондаи молаш ба ҳадди нисоб нарасад, закот бар вай воҷиб намегардад.

Агар он шахс пеш аз қарздор гаштанаш соҳиби нисоб буда ва соле ҳам бар вай гузашта бошад, вале пеш аз пардохти закот қарздор гардида бошад, дар ин сурат закот ба ҳеҷ ваҷҳ аз вай соқит намегардад, хоҳ қарзаш тамоми молашро фаро гирад, хоҳ ниме аз молашро, зеро закот пеш аз қарздор гаштанаш бар вай воҷиб гардидааст.

Аммо шахси қарздиҳанда нисбат ба пардохти закоти пулҳои қарздодааш яке аз се ҳолатро дорад:

1. Қарзи пурқувват: Он ҳамон қарзест, ки қарздиҳанда пули соф ва ё моли тиҷоратӣ бо арзиши муайяне ба касе қарз додааст ва қарздор ҳам ба он эътироф дорад, ҳарчанд муфлис ҳам бошад. Ё қарздор мункир гардидааст, вале қарздиҳанда гувоҳу ҳуҷҷат барои исботи он дорад.

Қарз дар ин сурат пурқувват буда, закоти он бар қарздиҳанда воҷиб аст. Ҳар боре, ки чил дирҳам аз қарздор дарёфт намояд, як дирҳами онро ба унвони закот мепардозад. Агар камтар аз чил дирҳам дарёфт кунад, аз он чизе намепардозад. Дар сурате ки ҳамаи онро якбора дарёфт намояд, закоти ҳамаашро медиҳад.

Гардиши сол дар мавриди ин қарз аз замоне ки қарздиҳанда молики нисоб гардида буд, эътибор дорад, на аз вақти дарёфти пули қарз. Пас закоти солҳои гузашта низ бар вай воҷиб мебошад, вале пардохти он пас аз дарёфт ва қабзи тамоми қарз лозим мегардад.

2. Қарзи миёна: Он пули чизест, ки аз ниёзмандиҳои аслии зиндагиаш, ба монанди хона, либоса, хӯрока, гандум ва ғайра фурӯхтааст ва пули он дар гардани харидор боқӣ мондааст.

Закот дар қарзи миёна то вақте, ки қарздиҳанда ба миқдори як нисоби комилро дарёфт нанамояд, воҷиб намебошад.

Мас., агар бар гардани қарздор ба арзиши ҳазор дирҳам пул аст, вақте қарздиҳанда ба арзиши дусад дирҳами онро қабз намояд, миқдори панҷ дирҳами онро ба унвони закот мепардозад. Агар камтар аз миқдори як нисоби комилро дарёфт намояд, закот бар вай воҷиб намешавад.

Гардиши сол дар қарзи миёна низ аз рӯзе, ки қарздиҳанда молики нисоб гардидааст, яъне рӯзе, ки он чизҳоро ба фурӯш баровардааст, эътибор мешавад, на аз вақти қабз. Пас закоти солҳои гузашта бар вай воҷиб мебошад, вале пас аз қабзи тамоми мол пардохта мешавад.

3. Қарзи заъиф: Он қарзест, ки дар ивази чизи дигаре ғайри молу пул қарор дошта бошад, ба монанди маҳри зан, қарзи васият, қарзи сулҳ дар қатли амдӣ ва дият. Дар тамоми ин суратҳо шахси қарздор аз касе чизе нагирифтааст, то онро баргардонад. Дар ҳар сурат, закот бар соҳибони ҳақ дар ин навъи қарзҳо то замоне ки миқдори нисоби комилеро дарёфт нанамояд ва соле аз рӯзи қабзи пул бар онҳо нагузарад, воҷиб намегардад. Закоти солҳои гузашта низ бар онҳо воҷиб нест.

УШР

Ушр дар луғат ба маънои даҳяк мебошад ва дар истилоҳи фиқҳ ба маънои он закоте мебошад, ки аз маҳсули зироатҳо, меваҷот ва ҳосили асал бароварда мешавад ва аз даҳ як ҳиссаи маҳсулро дар бар мегирад.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Дар он (зиро-***

мисли холӣ сохтани зиммааш аз дайни каффорат ё назр ё ҳаҷ, закоти он пул бар вай воҷиб намегардад.

Фуқаҳо миёни пули нақд ва айни ашё ва амвол дар ин маврид фарқ гузоштаанд. Агар айни ашё бо ин мақсад нигаҳдорӣ шавад, дар онҳо пас аз гузашти сол низ закот воҷиб намегардад. Зеро онҳо аз ҳавоиҷи зарурӣ ба шумор мераванд ва ҳам таҳқиқан ва ҳам тақдиран аз нумӯ бозмондаанд.

ат ва мевае), ки бо оби осмон ва чашмаҳо обёрӣ шавад ва ё лалмӣ бошад, ушр аст ва дар он (маҳсуле), ки ба василаи обкашонӣ обёрӣ шавад, нисфи ушр аст».[1]

ЗАКОТИ ЗИРОАТ ВА МЕВАҶОТ

Зироат, меваҷот ва ба таври умумӣ он чи аз замин мерӯяд, ба истиснои чӯб, алаф ва ҳезум, закот доранд ва дар баъзе матнҳои фиқҳӣ ва низ дар ҷойҳои мо закоти ин ашёро маъмулан «ушр» меноманд. Барои онҳо дар шаръ (назди Абуҳанифа (рҳ) нисоби мушаххасе ҳам вуҷуд надорад ва дар каму зиёди онҳо мебояд закот (ушр) пардохт.[2] Дар сабзавот (бодиринг, пиёз, сирпиёз ва ғ.) ва сабзиҷот (ба гуфтаи мардум, кабутиҳо) низ назди Абуҳанифа (рҳ) ушр воҷиб мешавад ва назди Имомайн (рҳ) дар онҳо ва ҳар чизе, ки ба мисли гандум ҷав ва ғ. ҳосили боқимонанда надошта бошад, чизе воҷиб намешавад ва фатво ба қавли Абуҳанифа (рҳ) аст.[3]

Чӣ тавре мушоҳида мекунем, ушр ва ё закоти маҳсулоти зироатӣ, меваҷот ва асал аз закоти дигар чизҳо дар чанд маврид фарқ мекунад:

а) Барои воҷиб гардидани ушр нисобе вуҷуд надорад.

б) Гузашти сол шарт нест.

в) Қарздор будан монеи вуҷуби ушр намегардад.

Меҳвари воҷиб гардидани ушр ва ё нисфи ушр, ба каму зиёд будани хароҷоти обёрии зироат вобастагӣ дорад. Дар ҷое, ки машаққат ва корҳои обёрӣ камтар бошанд, ушр ва дар ҷое, ки зиёд бошанд, нисфи ушр воҷиб мегардад.

Миқдори закоти зироат ва меваҷот гуногун аст ва бастагӣ ба чигунагии обёрии онҳо дорад.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1483; Саҳеҳи Муслим, (981)-7; Сунани Абудовуд, 1596, 1597; Сунани Тирмизӣ, 639, 640. Дар ривояти Абудовуд пеш аз калимаи «чашмаҳо» лафзи «наҳрҳо» низ омадааст. Ҳадисро аз Абуҳурайра (рз), Ҷобир (рз) ва Ибни Умар (рз) ривоят кардаанд. Тирмизӣ мегӯяд: Ҳадиси Ибни Умар саҳеҳ аст ва оммаи фақеҳон дар ин боб ба он амал мекунанд.

Зироатҳо, киштзорҳо ва дарахтоне, ки танҳо аз оби борон баҳра мегиранд, лалмӣ мебошанд ва он зироат ва мевае, ки аз наҳрҳои равон, каналҳои умумӣ ва чашмаҳои табиӣ, бе ҳеҷ гуна василаҳои обкашӣ ва хароҷоти пулӣ, обёрӣ мешаванд, обӣ мебошанд ва дар ҳар ду сурат аз онҳо ушр бароварда мешавад. Вале дар ҳадис ба ҳолати дигаре низ ишора шудааст, ки мо онро лалмӣ тарҷима кардем ва манзур он дарахтоне мебошанд, ки дар наздикиҳои наҳрҳо ва чашмаҳои об воқеъ шудаанд ва решаи онҳо аз оби ҳамон наҳр ва ё чашма баҳра мегирад.

[2] Дар бораи нисоб доштан ё надоштани меваҷот ва зироат назарҳои гуногуне дар миёни мактабҳои фиқҳӣ вуҷуд дорад. Он чи назари Абуҳанифа (рҳ) аст, ин аст, ки дар закот (ушр)-и зироат ва меваҷот нисобе вуҷуд надорад. Ҳосили онҳо, хоҳ кам бошад, хоҳ зиёд, аз онҳо ушр бароварда мешавад. Аммо дигар мазҳабҳои фиқҳӣ нисоби онро бо истинод ба ҳадиси расули Худо (с) дар ин бора панҷ васқ донистаанд.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Дар камтар аз панҷ васқ садақае воҷиб намешавад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1405, 1447, 1459, 1484; Саҳеҳи Муслим, 2260 (979)-1, 2261 (…)-2, 2263 (…)-3, 2264 (…)-4; Сунани Абудовуд, 1558, 1559; Сунани Тирмизӣ, 626, 627; Сунани Насоӣ, 2444, 2445, 2472, 2474, 2475, 2483, 2484; Сунани Ибни Моҷа, 1793, 1794).

Як васқ шаст соъ аст ва панҷ васқ сесад соъ мешавад. Албатта, соъи набавӣ аз он вазне, ки дар луғатномаҳо барои соъ гуфта шудааст, яъне се килову шашсад (3600) гр фарқ мекунад. Соъи набавиро дар китоби «Шарҳи мумтеъ» (Ҷ. 6. – С. 70) ва китоби «Мухтасари фиқҳи исломӣ», таълифи Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Абдуллоҳи Тӯйҷирӣ (С. 602) тақрибан ду килову чиҳил (2,40) грамм ва сесад соъро шашасаду дувоздаҳ (612) килограмм гуфтаанд.

Юсуф Қарзовӣ соъи набавиро ба ду килову яксаду панҷову шаш (2,156) гр баробар медонад ва сесад соъро шашсаду чилушаш килову навадушаш (646,96) грамм, яъне тақрибан шашсаду чиҳилуҳафт кило гуфтааст (Фиқҳу-з-закот. – Ҷ. 1. – С. 421).

Пас дар назди онҳо дар камтар аз панҷ васқ зироат ва мева, ки ҳудудан ба шашсаду дувоздаҳ (612) ва ё шашсаду чиҳилуҳафт (647) кило баробар аст, закоте воҷиб намешавад. Имомайн: Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) низ ҳамин назарро доранд. Яъне вақте маҳсулоти зироатӣ ва ҳосили меваҳои касе ба панҷ васқ, яъне сесад соъ (612 ва ё 647 кило) расид, аз он 61,200 гр ва ё 64,700 гр ушр мебарорад. Зеро таъйини нисоби зироатҳо ва меваҷот сароҳатан дар ҳадиси саҳеҳ зикр гардидааст (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 58–59).

Вале Абуҳанифа (рҳ) ин ҳадисро ба закоти дигар молҳо марбут медонад. Зеро дар он калимаи садақа ба кор рафтааст, ки он дар чунин ҳолатҳо ба маънои закот мебошад ва қимати як васқ дар ин сурат ба чиҳил дирҳам баробар аст. Илова бар ин, дар ҳадиси дигаре аз Ибни Умар (рз) омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Дар он чизе, ки бо оби осмон ва чашмаҳо обёрӣ шавад ва ё лалмӣ бошад, ушр аст ва дар он чизе, ки ба (яке аз васоили) обкашӣ обёрӣ шавад, нисфи ушр аст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1483; Сунани Абудовуд, 1596; Сунани Тирмизӣ, 639, 640; Сунани Насоӣ, 2487; Сунани Ибни Моҷа, 1816, 1817).

Чӣ тавре дар ин ҳадис мебинем, барои ушри ин маҳсулот ҳеҷ гуна нисобе муайян нагардидааст. Тирмизӣ мегӯяд: Ҳадиси Ибни Умар (рз) дар ин боб саҳеҳ мебошад ва дар назди умуми фуқаҳо ба он амал мешавад.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 58–59; Радду-л-муҳтор. –Ҷ. 3. – С. 315–316.

1. Миқдори закоти маҳсулоте, ки бо оби ҷорӣ ва ё оби борон обёрӣ мешавад, ушри (1/10, яъне аз даҳ яки) он аст.

2. Миқдори закоти маҳсулоте, ки бо далв (сатил) ё матор (движок) ва ё ба воситаи гов ва ё шутур обёрӣ мешавад ва эҳтиёҷ ба порузанӣ ва меҳнату заҳмат дорад, нисфи ушр, яъне аз бист як (1/20) аст.

Дар асал ҳам, чи кам бошад ва чи зиёд, агар аз кӯҳу ҷангал ва ё аз ҷое ба даст ояд, ки закоти он замин ушр аст, бояд ушр пардохт. Албатта, агар аз замини хироҷӣ ба даст ояд, дар он чизе воҷиб намегардад.

Музди деҳқонон ва масрафҳои масоили зироатӣ, баъд аз он ки закоти умумии маҳсулотро мепардозанд, бардошта мешавад, яъне закот ба тамоми маҳсули ба даст омада дахл дорад.

Хариду фурӯши коҳу пахол (коҳи дурушти нокӯфта) ҷоиз аст. Дар гузашта се чиз: обу алафу оташ[1] мулки муштарак ва умуми мардум ба шумор мерафтанд ва ҳамаи афроди миллат дар истифодаи онҳо баробар буданд. ва ин се чиз мулки хосси касе ба шумор намерафтанд. Бинобар ин, дар чӯбу алаф ва меваҳои пуштагие, ки аз кӯҳу ҷангал мечиданд, ушре воҷиб намегардид. Хариду фурӯш ва ба иҷора додани чарогоҳҳо низ нодуруст (ботил) буд. Ҳоло вазъ тағйир хӯрда ва ҳамон чӯбу алаф ва чарогоҳҳо ба сурати моликияти хусусӣ ва ё нимахусусӣ даромадаанд.

Коҳ аз ду роҳ ба даст оварда мешавад: ё аз ҳамон пушта ва чарогоҳҳое, ки зикрашон гузашт ва ё аз заминҳои корам, яъне ба монанди дигар зироатҳои кишоварзӣ навъҳои гуногуни алаф низ кишт ва барои хӯроки чорво парвариш мешаванд. Пас коҳу пахоле, ки аз ин роҳ (яъне кишту парвариш) ба даст меоянд, агар онҳо аз оби борон баҳра гиранд ва ё бо оби ҷорӣ обёрӣ шаванд, дар онҳо ушр аст. Аммо агар аз оби чоҳ ва ё аз тариқи дигар василаҳои зикршуда обёрӣ шаванд, пас дар онҳо нисфи ушр аст.

Ушр дар сурати қарздор будани шахси кишоварз ҳам бар вай воҷиб мегардад, ҳатто агар қарз қимати тамоми маҳсулоти ба даст овардаашро фаро гирад.

Ушр ба гузашти сол вобастагӣ надорад. Агар аз заминҳои кишоварзӣ ду ва ё се бор ҳосил гиранд, чӣ тавре дар баъзе минтақаҳои гарм имкон дорад, аз ҳар ҳосили он ушри алоҳида дода мешавад.

УШРИ ДИГАР МАҲСУЛОТИ ЗИРОАТӢ

Аз пахта, заъфарон, чой, найшакар, биринҷ ва умуман, тамоми маҳсулоти зироатӣ бо назардошти шакли обёрии онҳо ушр ва ё нисфи ушр бароварда мешавад. Назди Абуҳанифа (рҳ), чи тавре гуфтем, дар онҳо нисобе вуҷуд надорад, аз каму зиёди онҳо ушр бароварда мешавад. Вале дар назди ҷумҳури аҳли суннат, аз ҷумла дар назди Имомайн, дар онҳо нисоб вуҷуд дорад ва он панҷ васқ, яъне сесад соъи набавӣ мебошад.

Албатта, васқ ва ё соъ дар маҳсулоте воҳиди вазн ба шумор меравад, ки ба монанди гандум, ҷав, хурмо, биринҷ ва дигар маҳсулоти ғалладонагӣ, бо паймона кашида шаванд. Аммо маҳсулоти дигаре, ки дар боло зикр гардиданд, ба монанди пахта, чой ва ғайра онҳо бо кило, қанор ва дигар ченакҳо баркашида мешаванд, ки аз соҳиби шаъ дар бораи он воҳиди вазнҳо чизе наомадааст.

Бинобар ин, назари Абуюсуф (рҳ) он аст, ки нисоби закот дар ин навъ маҳсулоти зироатӣ аз рӯи қимат ва нархи онҳо муайян карда шавад.[2] Вақте он ба нархи миёнаи панҷ васқ, яъне сесад соъ ғалладонаи хӯроки умумии кишвар, ба монанди гандум, нахӯд, лубӣ, биринҷ ва ғайра баробар шуд, дар он ушр ва ё нисфи ушр воҷиб мешавад. Мас., агар нархи сесад кило чой ё пахта ва ё панҷоҳ кило заъфарон ба нархи панҷ васқ, яъне шашсаду дувоздаҳ (612) ва ё шашсаду чилу ҳафт (647) кило ғалладонаи хӯроки умумии мардум баробар бошад, дар он ушр ва ё нисфи ушр воҷиб мешавад.

Дар ин нархгузорӣ навъи миёнаи ғалладонаи хӯроки умумии мардуми ҳар кишвар дар назар гирифта мешавад ва хурмо, мавиз, ҷав ва ғайри онҳо ба таври доимӣ асли асосии муқоиса ва бароварди қимати дигар чизҳо қарор на-

[1] Дар ин ҷо манзур аз оташ васоили зарурӣ барои он аст, ба монанди чӯб, хасу хошок, нафт, қир, зуғол (ангишт) ва ғ.

[2] Имом Абуюсуф (рҳ) арзиши поёнтарин навъи маҳсулоти ғалладонагиро эътибор намудааст, зеро он ба нафъи фақирон мебошад.

мегиранд. Зеро дар баъзе кишварҳо хурмо ва ё мавиз хӯроки умумии мардум ба ҳисоб намеояд.

Ҳамин тавр, навъи миёнаи хӯроки ғалладонаи мардуми ҳар кишвар дар ин маврид эътибор карда мешавад, на арзиши арзонтарин маҳсулоти ғалладонагӣ ва на гаронтарини он.

Вақте мас., арзиши сесад кило пахта ва ё чой ва ё панҷоҳ кило заъфарон ба арзиши сесад соъ гандум ва биринҷ баробар бошад, метавонад сӣ кило ва ё панҷ кило аз айни он маҳсулотро, агар мавриди ниёзи мустаҳиққон бошад, ба унвони ушр ва нисфи онро ба унвони нисфи ушр пардохт намояд. Ҳамчунин метавонад қимати онро пардохт намояд.

ДОДАНИ УШР, ЗАКОТ ВА САДАҚАИ ФИТР БА ИМОМҲОИ ҶАМОАТ

Додани ушр, закот ва садақаи Фитр ба ҳар касе, ки мустаҳиққи он бошад, ҷоиз аст, хоҳ имоми масҷид бошад, хоҳ не. Имоми масҷид будан, агар сарватманд ва соҳиби нисоби закот набошад, ӯро аз истеҳқоқи закот хориҷ намесозад, балки вақте аҳли тақво ва салоҳ бошад, аз назари фақеҳони киром вай ба дарёфти закот, ушр ва садақаи Фитр авлотар аст. Масрафҳои закот аз ҷониби Худо дар Қуръони карим муайян сохта шудаанд ва онҳоро касе тағйир дода наметавонад.

Аммо додани ин пардохтҳои фарзӣ ба унвони аҷри кор ва ҳаққи имоматии ӯ ҷоиз нест. Зеро аҷри кор ва ё ҳаққи имоматии ӯ, агар муайян гардида бошад, бар намозгузорон воҷиб аст ва онро бояд аз ҳисоби худ пардохт намоянд, на аз ҳисоби моли закот. Аммо агар музде барои имоматиаш муайян накарда бошад ва мардум ба хотири ободии ҷамоати худ ва таъмини ниёзҳои имом ӯро дастгирӣ намоянд, пас бояд аз табарруоти ҷавонмардонаи худ ба вай кӯмак намоянд. Додани закот ва ғ. низ ба вай, агар ба номи ҳаққи имоматӣ набошад, ҷоиз ва балки муҳим аст.

Имомҳои ҷамоат ва аҳли дин, вақте аҳли тақво ва салоҳ бошанд, дастгирии онҳо вазифаи иҷтимоӣ ва масъулияти динии мусулмонон ба шумор меравад. Зеро онҳо посдорандагони арзишҳои миллӣ, муаллимони ахлоқи ҷомеа ва нигаҳдорандагони меҳвари маънавии мардум мебошанд. Шабу рӯз дар хидмати мардум ва дар пайи нашри арзишҳои олии инсонӣ дар миёни ҷомеа мебошанд. Дину имон ва салоҳи ҷомеа ба онҳо вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ҳамонҳо буданд, ки кохи тамаддуни миллии моро бардоштанд ва захираи азими фарҳангиеро дар ихтиёри наслҳои баъдӣ қарор доданд. Дар сахттарин даврaҳои таърихӣ пешоҳангони муборизоти барҳаққи миллат буда, фарҳанг ва арзишҳои миллии моро ҳифз намуданд. Тамоми бузургони классики миллат ва нобиғаҳои илму фанни мо, пеш аз ҳама, диндор ва донишмандони динӣ буданд.

ТАРЗҲОИ НАВИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН

Имрӯзҳо пас аз таҳаввулоти азими саноатӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир ва ба вуҷуд омадани шаклҳои калони сармоядорӣ, тарзҳои истифодабарии нави замин низ ба миён омадааст. Ширкатҳои хусусӣ ва сармоядорони калон даҳҳо ва садҳо ҳазор гектар заминро ба сурати киштзорҳои (плантатсияҳои) бузурге дар ихтиёр доранд. Онҳо маҳсулотҳое аз қабили чой, пахта, гандум ва дигар маводи аввалиндаҷаи мардуми ҷаҳонро истеҳсол менамоянд. Дар ин ҷо истифодаи заминҳои корам ҳаҷман васеъ гардидааст.

Боз навъи дигари истифодаи замин ба вуҷуд омадааст. Ширкатҳои бузурги хусусӣ ва сармоядорони калон дар шаҳрҳои бузург, марказҳои иқтисодӣ, гирду атрофи шаҳрҳо ва ҳар ҷои дигаре заминҳо ва микрорайонҳоро харида, дар он манзилҳои маскунӣ, маҳаллаҳо, шаҳракҳо ва ғайра бино менамоянд. Сипас он хонаҳо ва марказҳои бино намудаашонро ё ба мардум мефурӯшанд ва ё ба иҷора медиҳанд. Замин дар ин ҳолат на ҳамчун киштзор, балки ба сурати дигар мавриди истифода қарор гирифтааст.

Агар он биноҳо ва марказҳои маскунӣ ба фурӯш гузошта шаванд, ҳукми моли тиҷоратро мегиранд. Дар сурати ба иҷора додани онҳо низ назари ҷумҳури аҳли суннат он аст, ки пас аз баровардани ниёзҳои яксолаи шахси сармоягузор ва гузашти як соли тиҷорӣ закоти пули ба даст омада бароварда мешавад.

Вале ба ақидаи баъзе муҳаққиқони муосир, ба монанди Муҳаммад Абузуҳра, онҳо ҳукми маҳсулоти зироатиро мегиранд. Зеро ба ҳар шакле,

ки бошад, истифода ва ҳосили замин ба шумор мераванд. Пас бояд дар ҳар ҷамъоварии пули иҷораи онҳо, хоҳ ба сурати моҳона бошад ва ё ба сурати фаслона, ушри он бароварда шавад.

Пас агар замин барои киштукор, зироат ва парвариши дарахтони мевадиҳанда ба кор равад, аз ҳосили он бо дарназардошти васоили обёрии он ушр ва ё нисфи ушр, яъне закоти зироат ва меваҷот пардохта мешавад. Агар ба унвони моли ғайри манқул мавриди хариду фурӯш қарор гирад ва молики он ба тиҷорати замин машғул бошад, дар он сурат аз он закоти молҳои тиҷоратӣ бароварда мешавад.

Агар барои ба иҷора додан бошад, пас аз гузашти сол ва фароҳам гардидани шартҳои дигари закот аз даромади солонаи он закот дода мешавад. Аммо агар барои истифодаи шахсии соҳибаш бошад, дар он закоте воҷиб намегардад.

ЗАКОТИ ДОРОИҲОИ ШИРКАТҲО

1. Ширкатҳои зироатӣ ва боғпарварӣ бо риояи шартҳое, ки дар боби ушр баён гардидаанд, аз ҳосили ба дастовардаи худ ушр ва ё нисфи ушрро пардохт менамоянд. Ширкатҳои фермерӣ ва чорводорӣ ба ҳисоби навъи чорвои парваришнамудаашон закотро пас аз таҳаққуқи шартҳои закоти чорпоён бар асоси нисоби саршуморӣ пардохт менамоянд.

2. Ширкатҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ, ба монанди ширкатҳои дорусозӣ, ширкати барқ, семент, алюмин ва ғайра закотро аз даромади софи онҳо пас аз расидани ҳаҷми он ба ҳадди нисоб ва гузаштани сол пардохт менамоянд.

3. Ширкатҳои тиҷоратӣ ва воридотиву содиротӣ бошанд, закоти молҳои тиҷоратӣ бар онҳо воҷиб мебошад ва дар охири сол ҳам аз асли сармоя ва ҳам аз даромади он пас аз қиматгузорӣ ва бароварди нархи умумии онҳо закотро пардохт менамоянд.

4. Ширкатҳои саҳомӣ ду ҳолат доранд: агар соҳиби саҳмияе дар он қасди давоми моликият ва истифода аз даромад ва фоидаи онро дошта бошад, закотро пас аз расидани фоидаи он ба ҳадди нисоб ва гузашти сол пардохт менамояд, вале агар қасди хариду фурӯш ва тиҷоратро дар он дошта бошад, закоти онро ба монанди закоти молҳои тиҷоратӣ пардохт менамояд.

5. Ширкатҳои фермерӣ ва корхонаҳое, ки ба паррандапарварӣ, харгӯшпарварӣ, пилла (кирмак)-парварӣ ва нигоҳубини ҳайвоноти дигаре машғул бошанд, ки парвариши онҳо шаръан ҷоиз мебошад, вале ислом дар онҳо закоте муқаррар накардааст, закоте бар онҳо воҷиб намебошад.

Албатта, дар ин навъ ҳайвонот вақте закот воҷиб намешавад, ки барои таъмини ниёзҳои хонавода нигоҳубин ва парвариш шаванд. Шариат дар онҳо закоте нафармудааст. Аммо вақте барои фурӯши гӯшт, тухм, пилла ва ғайра нигоҳубин ва парвариш шаванд ва шакли фермаҳои хурд ва ё бузурги мурғпарварӣ, харгӯшпарварӣ, пиллапарварӣ ва ғайраро ба худ бигиранд, дар ин сурат ҳамчун молҳои тиҷоратӣ нархгузорӣ мешаванд ва пас аз фароҳам гардидани шартҳои вуҷуби закот аз онҳо закот бароварда мешавад.

Ҳукми маҳсули шири говҳое, ки дар фермаҳо барои ҷӯшоӣ нигаҳдорӣ мешавад ва дар саҳро бо даҳони худ чаро намекунанд, низ ҳамин гуна аст. Вақте он барои тиҷорат ва таъмини талаботи бозор бошад, дар он пас аз таҳаққуқи шартҳои вуҷуби закот закот воҷиб мешавад.

Ҳосили даромади онҳо, агар ба танҳоӣ ба нисоби закот бирасад, пас аз таҳаққуқи дигар шартҳои вуҷуби закот аз он закот бароварда мешавад. Дар ғайри он бо дигар молҳои тиҷоратӣ якҷо ҷамъ ва аз маҷмӯи онҳо, вақте ба нисоби закот бирасанд, закот медиҳад. Дар худи он говҳо, ки бо алафи ҷамъоваришуда нигоҳубин мешаванд, закоте вуҷуд надорад. Аммо ҳукми говҳое, ки бештар аз ними сол дар саҳро чаро мекунанд, дар фасли закоти ҳайвонот ба тафсил баён гардид.

Аммо назари Юсуф Қарзовӣ, донишманди мисрӣ он аст, ки дар тамоми мавридҳои зикргардида, ба монанди асал аз онҳо ушр гирифта шавад, ҳарчанд барои таъмини ниёзҳои хонавода бошанд, магар вақте барои тиҷорат бошанд, пас дар онҳо закоти молҳои тиҷоратӣ воҷиб мегардад.[1]

Ширкатҳои моҳипарварӣ ва моҳидорӣ низ, вақте мақсади тиҷорат ва таъмини талаботи бозорро бо гӯшт ва ё тухм (икра)-и моҳӣ дошта бошанд, пас аз фароҳам гардидани шартҳои вуҷуби

[1] Юсуф Қарзовӣ. Фиқҳу-з-закот. – Ҷ. 1. – С. 484.

закот аз он закоти молҳои тиҷоратиро медиҳанд. Дар ғайри он чизе бар онҳо воҷиб нест.[1]

Ширкатҳо ва корхонаҳои хусусӣ шахсони ҳуқуқӣ мебошанд ва моликияти онҳо ба соҳибонашон тааллуқ дорад, хоҳ соҳиби он як нафар бошад, хоҳ маҷмӯаи афрод. Пас онҳо низ ба монанди шахсони воқеӣ закоти молу дороиҳои худро пас аз таҳаққуқи шартҳои вуҷуби закот ва гузашти сол бароварда ва пардохт менамоянд.

Молу дороиҳое, ки дар онҳо закот воҷиб мегардад, умуман, ба шаш навъ тақсим мешаванд, хоҳ соҳиби онҳо шахси воқеӣ бошад, хоҳ шахси ҳуқуқӣ, ба монанди ширкатҳо, корхонаҳо ва навъҳои дигари соҳибкорӣ:

1. Молу бизоати тиҷоратӣ, хоҳ дар анборҳо бошад, ё дар намоишгоҳҳо ва ҷои фурӯш, ё дар роҳ ва ё дар назди намояндагони шахс ва ширкат дар нуқтаҳои дигари тақсими он.

2. Молҳо ва маводи хоме, ки бо мақсади коркард ва истифода дар истеҳсолот харидорӣ шуда ва дар корхонаҳои саноатӣ ва марказҳои истеҳсолӣ захира гардидаанд ва ё дар ҳоли коркард қарор доранд.

3. Тиловор ва дигар ҷавоҳироте, ки дар корхонаҳои коркарди ҷавоҳирот ва ё дар назди фурӯшандагони он бо мақсади тиҷорат омода сохта шудаанд.

4. Саҳмияҳои ширкатҳо, ки бо мақсади тиҷорат харидорӣ шуда бошанд.

5. Заминҳо ва дигар дороиҳои ғайри манқуле, ки бо мақсади тиҷорат харидорӣ шуда бошанд.

6. Чаҳорпоёне, ки бо мақсади тиҷорат харидорӣ шуда бошанд ва дар онҳо шутур, гов, гӯсфанд, буз ва ҳар ҳайвони дигаре, ки хариду фурӯши он шаръан ҷоиз мебошад, шомил мешаванд. Дар ин ҳолат дар онҳо закоти молҳои тиҷоратӣ воҷиб мешавад, на закоти саршуморӣ.

НАВЪҲОИ ЗАМИН

Замин ду қисм аст: ушрӣ ва хироҷӣ. Замини ушрӣ ба он замине гуфта мешавад, ки мусулмонон онро бо қудрату ғалаба аз дасти кофирон фатҳ карда, дар миёни мардуми мусулмон тақсим намудаанд ва ё аҳли он сарзамин бо майлу рағбати худ ислом овардаанд ва замин дар дасти худашон боқӣ мондааст. Хироҷӣ иборат аз замине аст, ки мусулмонон пас аз пирӯзӣ ва фатҳи он кишвар онро ба сокинони худи ҳамон ҷо вогузошта, ба гирифтани ҷизя иктифо намудаанд.

Ушр ба маънои аз даҳ як ҳисса буда ва хироҷ ба маънои он чи аз маҳсулоти замин хориҷ мешавад, мебошад. Шариати муқаддаси ислом барои баъзе аз заминҳо ушр таъйин намудааст, ки аз даҳ як ҳиссаи маҳсули замин бояд ба фақирону бечорагон дода шавад ва барои баъзе хироҷ, ки давлат барои ҳар қитъае аз он маблағе таъйин менамояд ва солона ба байтулмол (хазинаи давлат) ворид мешавад.

Дар китоби «Фатҳу-л-қадир» (Ҷ. 6. – С. 359) марҳалаҳои фатҳ гардидани бахшҳое аз сарзамини Эрон ва Осиёи Миёна ба дасти сарбозони мусулмони садри ислом ба тафсил зикр гардидааст, ки аз он ҷо ба ушрӣ будани заминҳои ин паҳнои ҷуғрофиёӣ метавонем пай бибарем:

«Диёри Аҳвоз, Форс ва Исфаҳон дар замони Умар (рз) ба дасти сарлашкарон: Абумусо (рз), Усмон ибни Абулъос ва Утба ибни Ғазвон (рз) бо пирӯзии лашкари ислом (анватан) фатҳ гардиданд, ки фатҳи Исфаҳон ба Абумусо таалуқ дорад. Хуросону Марвруд бошанд, дар замони хилофати Усмон (рз) ба дасти Абдуллоҳ ибни Омир бо мусолиҳа фатҳ гардиданд.

Он сӯи Хуросону Марв бошад, пас аз замони Усмон (рз) ба дасти Саъид ибни Усмон ибни Аффон дар замони амир Муъовия (рз) ба таври сулҳомез фатҳ гардиданд. Самарқанд, Кеш, Насаф ва Бухоро бошанд, пас аз он тавассути Муҳаллаб ибни Абусуфра ва Қутайба ибни Муслим фатҳ гардиданд».

Барои воҷиб гардидани ушр ҳеҷ кадом аз моликият, миқдори нисоб, гардиши сол, ақлу балоғат шарт нест. Бинобар ин, ҳар гоҳ аз замини ушрӣ маҳсуле ба даст ояд, дар сурате ки камтарин миқдори он як соъ (се килову шашсад грамм) -ро ташкил диҳад, ушр дар он воҷиб мегардад.

Дар хироҷ муайян намудани ҳаҷми маблағ аз ҷумлаи салоҳиятҳои давлат аст. Аммо он чи аз муқаррароти хулафои рошидин дар бораи хироҷ ривоят шудааст, ин аст, ки Умар (рз) бар

[1] Ёдовар мешавем, ки бозёфтҳои бахрие, ки ба таври тасодуфӣ ёфта мешаванд, ба монанди анбар ва ғайра, агар дар онҳо мақсади тиҷорат надошта бошад, ҳеҷ чиз дар онҳо воҷиб нест.

аҳли Савод (бахше аз сарзамини Ироқ) дар ҳар ҷариб замини обӣ як соъ аз маҳсули ба даст омада ва як дирҳам ва дар ҳар як ҷариб замини кишти хиёр (бодиринг), бодимҷон, харбуза ва монанди инҳо панҷ дирҳам ва дар ҳар ҷариб боғи ангур ва хурмо (нахлистон) даҳ дирҳам хироҷ таъйин намудааст.

Ҷариб бинобар таҳқиқоти заминшиносӣ шаст зироъ дар шаст зироъ мебошад, ки ҳар зирои он тақрибан шаст сантиметр аст.

Агар зироатҳои замини хироҷиро об ё борон аз байн бибарад ё обу борон аз он хушк гардад ва ё офати дигаре ба он бирасад ва ҳеҷ маҳсуле нарӯяд, хироҷ аз он замин соқит мегардад. Вале агар соҳибаш онро бекор гузорад, хироҷашро бояд бипардозад.

Хироҷ барои ҳар соле таъйин мегардад, агарчи заминро соҳибонаш соле ду бор ё бештар кишт намоянд.

Дар сурати номаълум будани ҳолати аввалаи минтақа, замин агар ба мерос аз мусулмоне ба мусулмони дигар интиқол ёфта бошад, замин ушрӣ мебошад. Агар дар дасти куффор бошад ё аз кофире харидорӣ шавад, хироҷӣ мебошад.

Агар шахсе дар ҳавлии пеши хонаи худ дарахт ва ё сабзиҷоти дигар кишт намояд, дар он ушр воҷиб намешавад, чи микдоре, ки бошад.

Агар кофире замини ушриро аз мусулмоне харид, ушрияти он бартараф мешавад ва агар баъдҳо боз ба дасти мусулмонон баргардад ҳам, дигар ушрӣ нахоҳад гашт, яъне хироҷӣ боқӣ мемонад.

Агар замини ушрӣ аз тарафи деҳқон (касе, ки бо соҳиби замин музораа намудааст) кошта шавад, ушр бар деҳқону соҳиби замин бар ҳар ду воҷиб мешавад, вале агар замин ба дасти иҷоракор дода шавад, ушр танҳо бар иҷорагиранда воҷиб аст, на бар иҷорадиҳанда.

ЧАНД МАСЪАЛАИ МУОСИР

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки имрӯз аз донишмандони ҷаҳони ислом бозбинии дубораро мехоҳад, он аст, ки аксари сарзаминҳои исломӣ, ба хусус сарзаминҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, дар ду-се асри гузашта ба тасарруфи кишварҳои ишғолгари ғарбӣ даромада буданд. Баъзе аз ин сарзаминҳо имрӯз пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба сурати кишварҳои мустақил дар харитаи олам арзи вуҷуд намудаанд. Замин бошад, дар умум ҳанӯз моликияти давлатӣ ба шумор меравад ва дар баъзе аз ин кишварҳо бо шартҳо, қарордодҳо ва мушаххасоти муайяне ба мардум вогузор гардидааст. Пас ҳукми ин заминҳо аз назари ислом чист? Соҳибон ва ё кироякорони ин заминҳо ушр мепардозанд ва ё хироҷ медиҳанд?

Масъалаи дигар он аст, ки соҳибони замин ва ё кироякорон пеш аз шурӯи кишту кор аз муассисаҳои ёрирасон, ширкатҳои сармоягузор, бонкҳои кишоварзӣ ва ё шахсони алоҳида қарз мегиранд ва тамоми тадорукоти кишту корро, ба монанди хариди сӯзишворӣ, поруҳои минералӣ, заҳрҳои зидди ҳашарот ва ғайра бо он харидорӣ менамоянд. Савол ин аст, ки ушр боз ба ҳамаи маҳсул тааллуқ пайдо мекунад ва ё маблағи қарзи пешакӣ аз он тарҳ карда мешавад?

Дар ин бора дар миёни мактабҳои фиқҳӣ ду назар вуҷуд дорад. Ҷумҳури уламои ҳанафӣ, моликӣ, шофеъӣ ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) бар ин назаранд, ки қарзе, ки дар тадорукоти кишту кори замин сарф мешавад, аз маҷмӯи ҳосили замин бароварда намешавад, балки закот ба тамоми ҳосил тааллуқ дорад.

Ибни Шиҳоби Зуҳрӣ (рз) пурсида шуд, ки марде пешакӣ қарз гирифта ва онро дар боғ ва ё зироаташ сарф кардааст ва он тамоми ҳосилро фаро мегирад, оё аз он боғ ва зироаташ закот медиҳад? Гуфт: *«Мо дар суннат инро намедонем, ки аз меваи шахси қарздор ушр гирифта нашавад, балки бар гарданаш қарз ҳам бошад, закоти онро медиҳад. Аммо марде нуқраву тило дошта бошад ва дар айни ҳол қарздор ҳам бошад, то қарзашро пардохт нанамояд, аз онҳо закот намедиҳад»*.[1]

Аз Ибни Сирин низ ривоят шудааст, ки: *«Қарзро дар закоти айн (нуқраву тило) дар назар мегирифтанд ва дар закоти мева дар назар намегирифтанд»*.[2]

Дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ), ки дар мазҳаб ба он амал мешавад, он қарз аз маҷмӯи ҳосил

[1] Абуубайди Қосим. ал-Амвол. – С. 681; Сунани Куброи Байҳақӣ. 7708. – Ҷ. 6. – С. 66.

[2] ал-Амвол. – С. 681; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7709. – Ҷ. 6. – С. 67.

бароварда мешавад ва аз боқимондаи маҳсул закот дода мешавад. Дар ин бора дар китоби «ал-Амвол»-и Абуубайд ва китоби «Хироҷ»-и Яҳё ибни Одам ривоятҳое омадааст, ки ба баровардани қарзи пешакӣ аз ҳосили бадастомада пеш аз додани ушр ва ё нисфи ушр далолат мекунанд.

Ҷобир ибни Зайд дар бораи марде, ки барои инфоқ бар аҳлаш ва заминаш қарз мегирад, аз Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки фармуд: *«Он чиро бар заминаш сарф кардааст, (пеш аз баровардани ушр) пардохт менамояд»*. Ҷобир ибни Зайд аз Ибни Умар (рз) ривоят кардааст, ки фармуд: *«Аввал қарзашро адо менамояд, пас аз он аз мобақия закот медиҳад»* ва аз Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки фармуд: *«Он чиро бар меваҳо сарф кардааст, пардохт менамояд ва пас аз он аз боқимондааш закот медиҳад»*. [1]

Дар бораи шахсе, ки молу дороии ӯ аз ҳисоби нуқраву тило ба нисоб расидааст ва дар айни ҳол қарздор ҳам мебошад, дар байни ҷумҳури уламои аҳли суннат ихтилофе вуҷуд надорад, ки агар он қарз тамоми нисобро фаро гирад ва ё аз нисоб кам гардонад, бар вай закоте воҷиб намешавад. Аммо агар боқимондаи молаш пас аз пардохти қарзҳо ба нисоб бирасад, аз он закот медиҳад, яъне ба миқдори ҳаҷми қарз аз ҳисоби закот бароварда мешавад.

Дар бораи қарзи шахсе, ки дороияш аз ҳисоби чаҳорпоён ба нисоб расида бошад ва ё барои рушди соҳаи чорводорӣ ба таври пешакӣ қарзҳои сармоявӣ гирифта бошад, дар байни мактабҳои фиқҳӣ ду назар вуҷуд дорад. Назари бузургони ҳанафӣ ва дар ривояти маъмул аз имом Аҳмад (рҳ) он аст, ки ин қарз низ аз закоти чаҳорпоён тарҳ карда мешавад ва аз чаҳорпоёни боқимонда, агар ба нисоб бирасанд, закот дода мешавад.

Назари ҷумҳури уламои моликӣ ва шофеъӣ он аст, ки ин қарз дар закоти сарватҳои ҳайвонӣ дар назар гирифта намешавад, балки шахси соҳибнисоб, қарздор бошад, ё не, аз онҳо закот медиҳад.

Дар бораи қарзҳои тиҷоратӣ низ дар байни мактабҳои фиқҳӣ ҳамин гуна ду назар вуҷуд дорад. Назари ҷумҳури уламои ҳанафӣ, моликӣ, ҳанбалӣ ва дар ривояте аз Шофеъӣ (рҳ) он аст, ки ин қарз аз маҷмӯи молҳои тиҷоратӣ бароварда мешавад ва агар пас аз он қимати молҳои боқимонда ба нисоб бирасад, аз он закот медиҳад. Бинобар ин, агар марде ҳазор динор дошта бошад ва дар айни ҳол ҳазор динор қарздор бошад, вале арзиши молҳои тиҷоратии дар наздаш мавҷудбуда низ ба ҳазор динор баробар бошад, дар ин сурат он молҳо дар баробари қарз ҳисоб шуда, аз ҳазор динораш закот медиҳад.

ТАФОВУТҲОИ УШР АЗ ЗАКОТ

Баъзе тафовутҳои ушр аз закот дар сафҳаҳои гузашта баён гардид ва чанд сурати дигари он дар ин ҷо зикр мешавад.

Агар маҳсулоти зироатӣ ва ҳосили меваи шахси ушрдиҳанда хароҷот ва нафақаи яксолаи хонаводаашро таъмин нанамояд, вай дар айни ҳоле ки ушрдиҳанда аст, мустаҳиққи закот ҳам ба шумор меравад. Метавонад аз закоти дигарон миқдоре дарёфт намояд. Ин ба ҳаҷми хароҷот ва калониву хурдии оила вобастагӣ дорад. Бинобар ин, аз як оила то оилаи дигар фарқ мекунад.

Агар соҳиби замин барои кишту кори замин ва нигоҳубини зироат коргар бигирад ва барои вай музде муайян намояд, ушри зироатро худаш пардохт менамояд. Вале агар заминро ба касе иҷора диҳад, дар ин сурат ушр бар иҷорагиранда воҷиб мебошад ва соҳиби замин аз маблағе, ки аз иҷора ба даст меовард, агар ба нисоб бирасад ва ё пас аз ҷамъ кардан бо қимати дигар молҳояш ба нисоби закот бирасад, закот медиҳад.

Агар заминро ба музораа диҳад, ушри зироат бар молик ва музореъ ҳар ду мебошад. Ҳар кас аз ҳиссаи худ ушр медиҳад. Музораа он аст, ки соҳиби замин барои кишту кори заминаш бо шахсе қарордод мебандад ва ҳосилро ба сурати нисф дар нисф, сеяк, чоряк, панҷяк ва ҳоказо дар миёни худ ва шахси музореъ (деҳқон) тақсим менамояд.

Зоҳири мазҳаби машоихи ҳанафӣ он аст, ки агар базр (тухмӣ) низ аз соҳиби замин бошад, пас ушр ва ё нисфи ушр бар зиммаи ӯст ва он ҳаққе, ки музореъ аз ҳосили бадастомада мегирад, музди меҳнати вай ба шумор меравад ва дар он закоте нест. Аммо агар тухмӣ аз ҷо-

[1] Абуубайди Қосим. ал-Амвол. – С. 683, 684; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7701. – Ҷ. 6. – С. 65, 66.

ниби кишоварз ва деҳқон бошад, дар он сурат ушр бар ҳар ду воҷиб мебошад.

Мусоқот низ ҳамин ҳукмро дорад, яъне ушри ҳосили мева ҳам бар молик ва ҳам бар шахси ҳамкори бо мусоқот воҷиб мебошад. Ҳар як аз ҳиссаи худ ушр медиҳад. Мусоқот дар истилоҳи фақеҳон ба маънои об додан ва нигоҳубини дарахтони мевадиҳанда ва боғҳо мебошад.

Шоёни зикр аст, ки ушр ва ё нисфи ушр ба соҳиби замин ва деҳқоне, ки дар он киштукор мекунад, тааллуқ дорад. Аммо касе, ки ба хариду фурӯш ва тиҷорати маҳсулоти зироатӣ ва ё меваҷот машғул аст, онро аз соҳиби замин ва ё деҳқон мехарад ва ба бозор меоварад, вай пас аз фароҳам гардидани шартҳои закот ва гузашти сол закоти молҳои тиҷоратиро аз онҳо пардохт менамояд.

ХУМС

Хумс дар луғат ба маънои панҷяк мебошад ва дар истилоҳи фиқҳ ба он пардохти молие гуфта мешавад, ки аз ғаниматҳои ҷангӣ, бозёфтҳои ганҷӣ ва сарватҳои зеризаминии табиат бароварда мешавад ва он аз панҷ як ҳиссаи мол ва бозёфтро дар бар мегирад.

Хумс дар молҳои ғанимат бар асоси ояти 41-уми сураи Анфол фарз гардидааст, он ҷо, ки мефармояд:

«Бидонед, ҳар чизеро, ки ба шакли ғанимат ба даст меоваред, хумс (аз панҷ як ҳисса)-и он барои Худо, паёмбар, хешовандон (-и паёмбар), ятимон, бенавоён ва ибни сабил мебошад, агар ба Худо ва ба он чи дар рӯзи фурқон – рӯзи бархӯрди ду ҷамъ - бар бандаамон нозил намудаем, имон оварда бошед. Ва Худо бар ҳар чизе тавоност».

Бозёфтҳои ганҷӣ ва сарватҳои зеризаминие, ки бо тақдири илоҳӣ насиби бандаи муъмин мегарданд, онҳо низ навъе ғанимат ба шумор рафта, бар асоси аҳодиси паёмбар (с) аз онҳо хумс бароварда мешавад.

Хумс дар умум бахше аз пардохтҳои молии ислом ба шумор меравад, вале ҷузъи закот намебошад. Бинобар ин, шартҳои умумии закот, ба монанди ният, нисоб ва гузаштани сол ба он тааллуқ намегирад. Ҳамчунин, хумс дар масрафҳои ҳаштгона (ва назди аиммаи ҳанафӣ ҳафтгона)-и закот сарф намешавад, балки он ҳаққи байтулмол мебошад ва ба хазонаи давлат супорида мешавад.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«…Дар рикоз хумс аст»***.[1] ***«Дар рикоз хумс аст. Пурсида шуд, ки рикоз чист, эй расули Худо, фармуд: (Рикоз) ҳамон тило ва нуқрае аст, ки Худо онро дар замин офаридааст»***.[2]

Дар бораи конҳо ва сарватҳои зеризаминӣ дар байни фақеҳон ва муҳтаҳидон ду назари асосӣ вуҷуд дорад. Яке он ки конҳо ва сарватҳои зеризаминӣ рикоз ба шумор мераванд ва ба онҳо хумс тааллуқ мегирад. Ин назари бузургони ҳанафӣ мебошад. Дигар он ки онҳо рикоз ба шумор намераванд ва дар ҳавзаи закот дохил мебошанд, яъне аз онҳо пас аз таҳаққуқи шароит ва шартҳои закот закот бароварда мешавад, на хумс.[3]

МАЪДАНҲО

Ҳар кӣ аз мусулмонон ва ё аҳли зимма (аҳли китоб: яҳуд ва насоро, ки таҳти ҳимояи ҳукумати исломӣ қарор дошта ва ҷизя мепардозанд) маъдани тило ё нуқра ё оҳан ё мис ва ё монанди онҳоро дар замине, ки ушр ва ё хироҷ дошта ва мулки касе ҳам набошад, ёфтанд, бояд панҷяки (1/5) онро бипардозанд ва бақияаш барои худи онҳост ва агар он замин мулки касе бошад, дар он сурат он бозёфт ба соҳибаш тааллуқ дорад.

Ҳар гоҳ афроди мазкур маъданро дар манзил ва ё замини худашон ёфтанд, чизе бар онҳо воҷиб намешавад. Он мулки хосси худашон мегардад.

Агар маъдан аз сӯи аҳли ҳарб (кофире, ки бо мусулмонон дар ҳоли ҷанг аст) дар замине, ки ба мусулмонон тааллуқ дорад, ёфта шавад, ҳамааш ба унвони ғанимат дар ихтиёри ҳокими исломӣ қарор мегирад.

Ҳар кӣ ганҷе биёбад ва дар он аломат ва нишоне аз мусулмонон вуҷуд дошта бошад, он ганҷ мисли луқата (моле, ки афтода бошад ва со-

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1499, 2355, 6912; Саҳеҳи Муслим, (1710)-45, 46; Сунани Тирмизӣ, 642.

[2] Сунани Куброи Байҳақӣ, 7429. – Ҷ. 4. – С. 152.

[3] Бухорӣ дар таълиқ (муқаддима)-и ҳадиси 1499 инро қайд кардааст.

ҳиби он маълум набошад, моли гумшуда) хоҳад буд, вале агар аломат ва нишонае аз мушрикон дошта бошад, монанди ғанимат аст, ки бояд панҷяки (1/5) онро бипардозад ва бақияаш барои ёбанда аст.

Ҷавоҳирот, ба монанди луълуъ, ёқут, фирӯза ва дигар сангҳои қиматбаҳо ва бозёфтҳо ва фаровардаҳои баҳрӣ, ба монанди анбар, моҳӣ ва ғайра панҷяк (1/5) надоранд, магар вақте ба ҳайси моли тиҷорат ба гардиш дароварда шаванд. Дар он сурат ба унвони моли тиҷорат қиматгузорӣ мегарданд ва пас аз фароҳам гардидани шартҳои вуҷуби закот закоти онҳо дода мешавад. Икрима (рҳ) мефармояд: *«Дар сангҳои (қиматбаҳо ба монанди) луълуъ ва зумуррад закоте намебошад, магар ин ки барои тиҷорат бошанд. Вақте барои тиҷорат бошанд, дар онҳо закот аст»*.[1]

Ҳамчунин аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки: *«Анбар рикоз ба шумор намеравад, (балки) он чизе аст, ки баҳр ба берун партофтааст»*.[2]

[1] Мусаннафи Ибни Абушшайба, 10067. – Ҷ. 2. – С. 374.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, таълиқ (муқаддима)-и ҳадиси 1498; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7385. – Ҷ. 4. – С. 146.

Фасли чаҳорум

МАСРАФҲОИ ЗАКОТ

Закот ҳашт масраф дорад, ки метавон онро дар ҳама ва ё баъзе аз он мавридҳо сарф кард. Масрафҳои закот инҳо мебошанд:

1. Фақир: касе, ки моли ӯ камтар аз ҳадди нисоб мебошад.

2. Мискин: касе, ки ҳеҷ чизе надошта бошад.

3. Омили закот: касе, ки аз тарафи имоми мусулмонҳо ё ноиби ӯ масъули ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва тақсими закот аст. Имом ба андозаи кораш аз молҳои закот барои ӯ ҳаққи хидмат медиҳад.

4. Барои озод кардани бандагони мукотаб. Мукотаб барда ва ғуломеро гӯянд, ки худро аз мавлояш бихарад.

5. Барои қарздоре, ки наметавонад қарзи худро бидиҳад.

6. Дар роҳи Худо: назди имом Абуҳанифа (рҳ) шомили онҳое аст, ки ба ҷиҳоди дар роҳи Худо баромада, вале аз ҷамоат ё гурӯҳи хеш ҷудо шудаанд ва ба нафақа эҳтиёҷ дошта бошанд.

7. Мусофире, ки дар сафар дармонда аст ва харҷи баргашт ба ватанро надорад, ҳарчанд дар ватани худ фақир ҳам набошад.

8. Барои муаллафату-л-қулуб: онҳое, ки ба василаи закот ба ислом ва мусулмонон улфат дода мешавад, яъне дилгарм ва ҳавасманд карда мешаванд, ба монанди ғайримусулмонон, ки агар ба онҳо кумаке бишавад, ба дини ислом моил мешаванд ё дар ҷанг ба мусулмонон кумак мекунанд.

Ин ҳашт масрафи закот дар ояти карима муайян гардидаанд, он ҷо ки мефармояд:

إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلْفُقَرَآءِ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱلْعَٰمِلِينَ عَلَيْهَا
وَٱلْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى ٱلرِّقَابِ وَٱلْغَٰرِمِينَ وَفِى سَبِيلِ ٱللَّهِ
وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ ۖ فَرِيضَةً مِّنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٦٠﴾

«Садақот (закот ва дигар пардохтҳои фарзӣ) танҳо барои фақирон, бенавоён (мискинҳо), коргузорони бар он, муаллафатулқулуб ва дар (озод намудани) гарданҳо (ғуломон), қарздорон, дар роҳи Худо ва дар (бораи) мусофири дар роҳ монда (сарф карда мешаванд), ки он фаризае аз ҷониби Худо мебошад. Ва Худо донову боҳикмат аст».[1]

Соҳиби «Ҳидоя» пас аз зикри ояти 60-уми сураи Тавба дар бораи масрафҳои закот мегӯяд: «Пас инҳо ҳашт синфанд ва дар воқеъ, (ҳукми пардохти закот барои) муаллафатулқулуб аз онҳо соқит гардидааст, зеро Худованди таъоло исломро иззат бахшида ва аз эшон бениёз гардонидааст. Ва бар ин иҷмоъ мунъақид гаштааст».[2]

[1] Сураи Тавба, 9: 60.

[2] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 68.

Муаллафатулқулуб се навъ буданд: 1. Навъе, ки расули Худо (с) (бо додан аз закот) дилҳои онҳоро гарм ва маълуф месохт, то ислом биёваранд ва қавмашон низ бо исломи онҳо ислом биёварад, 2. навъи дигаре аз онҳо ислом оварда буданд, вале исломашон ҳанӯз заъиф буд, пас барои ин заъфашон ба онҳо аз моли закот дода мешуд, 3. навъе аз онҳо барои дафъи шаррашон аз моли закот ба онҳо дода мешуд, ба мисли Уяйна ибни Ҳисн, Ақраъ ибни Ҳобис ва Аббос ибни Мирдос, ки аз руасои қурайш буданд ва паёмбар (с) (барои наҷоти онҳо аз куфр ва) аз бими он ки Худованд бо рӯйҳояшон дар оташ фурӯ афканад, аз моли закот ато мекард, сипас он дар замони хилофати (Абубакри) Сиддиқ (рз) соқит гардид. Ривоят шуда, ки (ду нафаре аз) онҳо дар замони хилофати Абубакр (рз) омадан ва аз вай замине хостанд. Абубакр (рз) дар номае замини Хатт (мавзее дар Ямома)-ро барои онҳо навишт. Онҳо назди Умар (рз) омаданд ва номаро ба ӯ доданд. Умар (рз) аз додани он ибо кард ва номаи Абубакр (рз)-ро пора сохт ва гуфт: Ин чизе буд, ки расули Худо (с) барои таълифи дилҳоятон ба шумо медод. Аммо имрӯз, пас Худованд исломро иззат бахшид ва аз шумо бениёз гардонд. Агар бар исломатон собит монед, вагарна миёни мо ва шумо шамшер аст. Он гоҳ ба сӯи Абубакр (рз) бозгаштанд ва гуфтанд:

ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МАҶМАИ ФИҚҲИ ИСЛОМӢ ДАР БОРАИ МАЪНОИ «ДАР РОҲИ ХУДО»

Маҷлиси маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти ҳаштуми худ, ки аз 27. 04. 1405 ҳ то 8. 05. 1405 ҳ дар шаҳри Маккаи мукаррама баргузор гардид, пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаи маънои «ва дар роҳи Худо», ки дар оят ба ҳайси ҳафтумин синф аз масрафҳои закот зикр гардидааст ва пас аз баррасии мавзӯъ ба ин натиҷа расид, ки дар назди мактабҳои фиқҳӣ ва донишмандон дар ин масъала ду қавл ва назари фиқҳӣ вуҷуд дорад:

1. Назари аввал он аст, ки маънои «ва дар роҳи Худо» дар ояти карима ба ғозиён ва муборизони роҳи Худо маҳдуд мебошад. Ин раъйи ҷумҳури уламо аст. Онҳо ҳиссаи закоти «дар роҳи Худо»-ро (ба муборизаҳои мусаллаҳона) ва дар як гурӯҳи муайяне, ки муҷоҳидон ва ғозиёни роҳи Худо мебошанд, маҳдуд донистаанд.

2. Назари дуюм он аст, ки маънои «роҳи Худо» ом аст ва он фарогири тамоми роҳҳои хайр ва манофеи умумии мусулмонон, ба монанди бинои масҷидҳо, бинои мактабҳо, кушодани роҳҳо ва ғайра мебошад. Ин раъйи каме аз мутақаддимин ва аксари мутааххирин мебошад.

Пас аз баррасӣ ва муҳокимаи далелҳои ду тараф ва бо дарназардошти бандҳои зерин:

а) Назари дуюм, ки гурӯҳе аз уламои ислом тарафдори он мебошанд ва дар баъзе оятҳо таъйид гардидааст, ба монанди: **«Касоне, ки молҳои худро дар роҳи Худо инфоқ менамоянд ва пас аз он онро бо миннат ва озоре пайгирӣ намекунанд…»**[1] ва ҳамчунин дар ҳадисҳо таъйид шудааст, ба монанди он ҳадисе, ки дар «Сунани Абудовуд» омадааст: ***«Марде шутурашро дар роҳи Худо бахшид ва дар ҳамин вақт занаш қасди ҳаҷ кард. Паёмбар (с) ба вай гуфт: Оё бар шутур савор нашудӣ? Ҳаҷ низ дар роҳи Худо мебошад»***.[2]

б) Мақсад аз мубориза ва ҷиҳоди мусаллаҳона эълои калимаи Худо ва пирӯз гардонидани дини Ӯ мебошад, дар ҳоле, ки нашри паёмҳо ва густариши арзишҳои дини Худо бо омода сохтани кадрҳои варзида ва доъиёни роҳи ҳақ, кӯмакҳои молии онҳо дар анҷоми вазифаи диниашон, чопи китобҳо, нашри наворҳои исломӣ ва ғайра низ мубориза ба шумор меравад. Паёмбар (с) дар ин бора мефармояд: ***«Бо мушрикон ба молҳо, нафсҳо ва забонҳоятон мубориза баред»***.[3]

в) Ислом аз ҷониби бединон ва дигар душманон мавриди таҳоҷуми фарҳангӣ, фикрӣ ва идеологӣ қарор гирифтааст ва онҳо мавриди таъйид ва кумакҳои моддӣ ва маънавии ҳомиёни

Оё туӣ халифа ё Умар!? Барои мо нома додӣ ва Умар онро пора сохт! Гуфт: Ӯ, агар хоста бошад ва бо вай мухолифате накард (Повараҳои Ҳидоя, ба нақл аз Иноя. – С. 201–202). Дар Мусаннафи Ибни Абушайба аз Ҷобир аз Омир ривоят шуда, ки дар замони расули Худо (с) муаллафатулқулуб вуҷуд доштанд, аммо вақте Абубакр (рз) ба хилофат расид, мунқатеъ гашт (Ҳамонҷо).

Пас имрӯз аз масрафҳои закот назди машоихи ҳанафӣ ҳафт синфи он боқӣ мондааст ва дар матнҳои фиқҳӣ ҳар ҷо, ки аз муаллафатулқулуб зикре рафта, барои баёни маъно ва ин ки дар оят манзур аз онҳо чӣ касе аст, мебошад, на барои ин ки онҳо ҳанӯз ҳам дар миёни синфҳои ҳаштгона мавҷуданд ва ба он амал мешавад.

Аммо дар бораи чигунагии сукути ҳукми он, пас аз он ки бо китоби Худо собит шуда ва то замони вафоти расули Худо (с) боқӣ монда буд, миёни фуқаҳои ҳанафӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад ва Аликорӣ тарҷеҳ медиҳад, ки он мансух нагаштааст, балки ба сабаби ба поён расидани иллати ҳукмаш амал ба он бо иҷмои саҳоба қатъ гардидааст (Фатҳу бобилъиноят. – Ҷ. 1. – С. 531).

Назди ҷумҳури фуқаҳои моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ саҳми тахсисёфта барои муаллафатулқулуб дар оят ба ҳоли худ боқист ва ҳеҷ гоҳе қатъ нагаштааст, зеро он бо китоби Худо собит шуда ва то замони вафоти расули Худо (с) боқӣ будааст, пас аз он дигар ҳеҷ чизе онро қатъ карда наметавонад, гарчи дар як давраи муайяне ба он амал нашудааст. Баъзе фуқаҳои ин мазоҳиб бар ин назаранд, ки амал ба он, ба сабаби иззат ёфтани ислом дар замони хилофати Абубакр (рз), бо иҷмои саҳоба қатъ гардида ва ҳоло (дар замони ҳаёти аиммаи он мазоҳиб) ба он амал намешавад, вале ҳар вақте ба он ниёз пайдо шавад (дар вақти ҳоҷат), ба он амал мешавад, яъне ба муаллафатулқулуб саҳмашон аз моли закот дода мешавад (ал-Мавсӯату-л-фиқҳия. – Ҷ. 23, зайли моддаи закот, банди 167; Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 36, зайли моддаи ал-муаллафату қулубуҳум).

---

[1] Сураи Бақара, 2: 262. Чӣ тавре мебинем, дар ин оят инфоқи мол дар роҳи ёрии ниёзмандон аз ҷумлаи роҳи Худо дониста шудааст ва аз шахси инфоққунанда хоста шудааст, ки онро бо миннату озоре нисбат ба шахсе, ки мавриди дастгирӣ қарор гирифтааст, ҳамроҳ насозад.

[2] Сунани Абудовуд, 1989.

[3] Сунани Абудовуд, 2504; Сунани Насоӣ, 3096, 3192; Муснади имом Аҳмад, 11837. Чӣ тавре дар ин ҳадис мебинем, ҷиҳод дар роҳи Худо ба муборизаҳои мусаллаҳона маҳдуд намебошад, балки он тамоми талошҳои илмӣ, заҳматҳои фарҳангӣ ва муборизаҳои фикрии шахси мусулмонро дар бар мегирад.

худ мебошанд. Пас бар мусулмонон низ лозим меояд, ки тамоми ин василаҳоро дар роҳи ҳимояи арзишҳои дини ислом ба кор гиранд.

Маҷлис бо аксарияти мутлақи овозҳо қарор мекунад, ки даъват дар роҳи Худо ва ҳар кор ва василае, ки онро таъйид менамояд, дар маънои «дар роҳи Худо» дар ояти карима дохил мебошанд.[1]

Бар ҳамин асос, таъсиси муассисаҳои фарҳангӣ, нашри китобҳои динӣ, роҳандозии ҳафтаномаву моҳномаҳои маърифатӣ ва ба роҳ мондани барномаҳои ахлоқӣ, ки ба беҳтарин сурат дар баланд бардоштани маърифати динӣ ва шинохтҳои ҳуқуқии мардум мусоидат мекунанд, аз беҳтарин арзишҳои амалии роҳи Худо ба шумор мераванд. Ҳамчунин, сохтани бемористонҳо, пулҳо, обод намудани роҳҳо, кашидани хатҳои об ва барқ ва ҳар амале, ки ба пешрафти сатҳи зиндагонии мардум мусоидат менамояд, аз ҷумлаи олитарин навъи мубориза дар роҳи Худо мебошад.

Ба вуҷуд овардани ҷойҳои муносиби корӣ барои қишрҳои ниёзманди ҷомеа, ба хусус қишри занон, ки барои онҳо ҳаёти обрӯмандонаеро таъмин намояд ва онҳоро аз ҳар гуна пастиҳои ахлоқӣ ва даст задан ба танфурӯшӣ нигаҳ дорад, яке аз муҳимтарин навъҳои мубориза дар роҳи Худо мебошад.

Бинобар ин, хуб мешавад, ки кормандони муассисаи закот ва ё худи закотдиҳандагон бо роҳандозии тарҳҳои иқтисодӣ ва истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, хешовандон ва мардуми ҳамдеҳаи худро бо ҷойҳои кори муносиб таъмин кунанд, ҳарчанд таъмини ниёзҳои аввалиндараҷаи онҳо, ба монанди хӯроку пӯшок, низ муҳим аст.

Инҳо корҳо ва мафҳумҳое мебошанд, ки бинобар ташхиси самтҳои афзалиятноки муборизаи дар роҳи Худо, ба хусус дар ин марҳала, дар масрафи ҳафтуми закот шомил дониста мешаванд

Доктор Юсуф Қарзовӣ, донишманди мисрӣ ва доктор Умар Сулаймон Ашқар, ҳарчанд мавқеи фиқҳии мутақаддимин ва салафи умматро дар бораи маънои «дар роҳи Худо» дар мавриди масрафи закот ҷонибдорӣ намудаанд ва онро ба маънои ҷиҳод ва муборизони роҳи Худо маҳдуд донистаанд, вале мафҳуми ҷиҳод ва муборизаи дар роҳи Худоро васеътар аз маънои муборизаҳои мусаллаҳона донистаанд ва ба ин тартиб, назари онҳо низ аксари манофеи умумии мусулмонон ва корҳоеро, ки барои эълои калимаи Худо, нашри арзишҳои илоҳӣ ва нусрати дини Ӯ анҷом мегиранд, дар бар мегирад.[2]

МАСЪУЛИЯТИ ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАҚСИМИ ЗАКОТ

Имрӯз, ки дигар фаризаи закот ва аҳкоми дигари илоҳӣ дар ҷомеаҳои исломӣ аз сӯи давлатҳо ба сурати дурусташ татбиқ намешаванд ва бисёре аз арзишҳои он моҳияти динӣ, иҷтимоӣ ва даъватии худро аз даст додаанд, ҷамъиятҳо ва муассисаҳои исломие, ки аз сӯи шахсиятҳои муътамад, соҳибадолат ва амин таъсис ёфтаанд, метавонанд масъулияти илоҳии ҷамъоварӣ ва тавзеи дурусти молиёти закотро ба уҳда гиранд.

ДОДАНИ ЗАКОТ БА ОДАМОНИ ЗЕРИН ҶОИЗ НЕСТ:

1. Ба хешовандоне, ки миёни эшон ва закотдиҳанда қаробати вилодат (насаб) ва ё заношавҳарӣ вуҷуд дошта бошад: а) асли ӯ, ба монанди падару модар, падаркалон, модаркалон; б) фаръи ӯ, ба монанди фарзандҳо, набераҳо ва монанди инҳо. Ба дигар хешовандон додани закот хуб аст.

2. Зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан (бино бар назари имом Абуҳанифа (рҳ).

3. Ба зердастони худ (ғуломон ва хидматгорон дар гузашта).

4. Ба бардае, ки нисфи пул барои озодии ӯ дода шудааст.

5. Ба сарватманд, фарзандишахси сарватманд ва низ ба зердастони сарватманд.

6. Барои банӣ Ҳошим, ҳарчанд фақир ва мискин бошанд. Банӣ Ҳошим аз авлоди Алӣ, авлоди Ҷаъфар, авлоди Ақил ва авлоди Ҳорис ибни Абдулмутталиб иборат ҳастанд. Он барои маволи (ғуломони озодкарда)-и бани Ҳо-

[1] Фатвоҳои шаръӣ дар бораи масоили муосир. – С. 267-269.

[2] Фиқҳу-з-закот. – Ҷ. 2. – С. 133-145; Пажӯҳишҳои фиқҳие дар бораи проблемаҳои муосири закот, Умар Сулаймон Ашқар. – Ҷ. 2. – С. 854-856.

шим низ дуруст намебошад. Зеро паёмбар (с) фармудааст: ***«(Гирифтани) садақа (закот) барои мо ҳалол нест ва маволии қавм аз худи онҳо ба шумор мераванд»***.[1]

7. Ба аҳли зимма, ҳарчанд фақир ва мискин бошанд. Зеро закот ибодат аст ва он дар ғайри мусулмон дуруст намегардад.

Паёмбар (с) вақте Муъоз (рз)-ро ба ҳайси коргузори худ ба Яман фиристод, дар зимни тавсияҳо ва супоришҳояш ба ӯ фармуд: ***«… Пас онҳоро хабар деҳ, ки Худо бар онҳо закоти молро фарз гардонидааст, ки аз сарватмандонашон гирифта ва ба камбағалонашон дода мешавад»***,[2] яъне аз мусулмонони сарватманд гирифта ва ба қишри мӯҳтоҷи онҳо дода мешавад.

ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Шахсе, ки дорои яксаду чиҳил мисқол нуқра ё бист мисқол тило ва ё ба андозаи қимати онҳо соҳиби моли тиҷорат аст ва ин дороияш изофа бар эҳтиёҷоти зиндагӣ ва заруриёти рӯзгараш мебошад, дар истилоҳи шаръ ба он шахс сарватманд гуфта мешавад. Закоти молро ба чунин шахсе додан ҷоиз нест, балки ӯ худ бояд аз молу дороияш закот бароварад.

2. Дар ин ҷо хуб аст бо баёне равшан созем, ки эҳтиёҷоти зиндагӣ ва заруриёти рӯзгор шомили чӣ чизҳое мешаванд ва кадом бахшҳое аз дороии инсон ҷузъи он ба шумор намеоянд. Фаршу зарфҳое, ки гоҳо мавриди истифодаи худаш қарор мегиранд, бахше аз заруриёти зиндагӣ ба шумор мераванд. Агар худаш онҳоро мавриди истифода қарор надиҳад, вале барои истифода ба ҳамсоягон ва хешовандонаш дода шаванд, аз ҷумлаи заруриёти рӯзгор ба ҳисоб намеоянд.

3. Хонаи шахсӣ, либос, васоиле, ки ба онҳо эҳтиёҷ меафтад, ҳамчунин хидматгор ва василаи саворӣ ҷузъи заруриёти зиндагӣ мебошанд. Бо доштани онҳо, ҳарчанд арзиши болое дошта бошанд ҳам, шахс молдор дониста намешавад. Китобҳои динӣ низ аз ҳамин доира берун нестанд.

4. Шахсе дорои чанд манзил (хона) ё чанд порча замин бошад, дар сурате ки онҳоро ба иҷора дода, аз пули иҷораи онҳо махориҷи (хароҷот) зиндагии худро таъмин ва бароварда созад, вале илова бар он, дигар моле, ки дар он закот воҷиб шавад, надошта бошад, ин шахс молдор ба шумор намеояд.

5. Шахсе дорои панҷ ҳазор ё бештар пул бошад ва инчунин ба ҳамин андоза аз дигарон қарздор бошад, гирифтани закот барояш ҷоиз аст.

Аз он чи дар боло гузашт, маълум мешавад, ки сарват ва боигарӣ ду навъ аст:

а) Яке он сарватест, ки ба нисоб расида ва бо фароҳам гардидани шароити махсус пардохти закотро бар соҳибаш воҷиб ва гирифтани закотро аз дигарон бар вай ҳаром мегардонад. Ин молест, ки ё аз рӯи хилқат дар нумӯ ва афзоиш мебошад ва асоси тамоми муомилотро ташкил медиҳад, ба монанди тило ва нуқра, ё аз роҳи парваришу наслгирӣ дар нумӯ ва афзоиш мебошад ва афзоиши он афзоиши дар шумора аст, ба монанди чаҳорпоён ва ё аз роҳи тиҷорат ва доду ситад дар афзоиш мебошад, ба монанди амволи тиҷоратӣ. Ин навъ мол ва сарват тамоми воҷиботи молиро бар соҳибаш воҷиб мегардонад.

б) Мол ва сарватест, ки соҳиби худро дар мақоме аз рафоҳият қарор медиҳад, ки на пардохти закот ҳанӯз бар вай воҷиб гардидааст ва на гирифтани закот барояш ҷоиз мебошад. Ин мол ва боигариест, ки агар қиматгузорӣ шавад, ба нисоб мерасад ва ё бештар аз он мебошад, вале дар ҳолати таҷмид ва беҳаракатӣ қарор дорад, яъне аз нумӯ ва афзоиш ҳам тақдиран ва ҳам амалан боз мондааст.

Ин мол бо аз даст додани шарти нумӯкунандагӣ ва қобилияти тавлиду афзоиш закот аз вай соқит гардидааст. Ин навъи боигарӣ танҳо воҷиботи сегонаи молӣ: садақаи Фитр, қурбонӣ ва нафақаи хешовандонро бар соҳибаш воҷиб мегардонад.

6. Додани закот, садақаи Фитр, назрҳо ва каф-

---

[1] Сунани Абудовуд, 1650; Сунани Тирмизӣ, 657; Сунани Насоӣ, 2611. Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Ин садақа (моли закот) чирки (моли) мардум аст ва он барои Муҳаммад ва хонадони Муҳаммад ҳалол намебошад»*** (Саҳеҳи Муслим, (1072)-167; Сунани Абудовуд, 2985; Сунани Насоӣ, 3608. Дар Саҳеҳи Бухорӣ низ ба монанди ин ривоят шудааст. 2055).

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1395, 1496, 4347, 7371, 7372; Саҳеҳи Муслим, 121 (19)-29, 122 (…)-30, 123 (…)-31; Сунани Абудовуд, 1584; Сунани Тирмизӣ, 625, 2014; Сунани Насоӣ, 2134, 2521; Сунани Ибни Моҷа, 1783.

форатҳо ба кофир ва зиммӣ, яъне шахсоне, ки аз миллати ислом хориҷ мебошанд, ҷоиз нест, аммо хайрҳои дигар ҷоиз аст.

Худованд мефармояд:

لَّا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمْ يُقَٰتِلُوكُمْ فِى ٱلدِّينِ
وَلَمْ يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوٓا۟ إِلَيْهِمْ ۚ
إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ

«Худо шуморо аз некӯӣ ва адл кардан ба онҳое, ки дар бораи дин бар зидди шумо ҷанг накардаанд ва шуморо аз диёратон берун наронданд, наҳӣ намекунад. Худо ҳатман, адлкунандагонро дӯст медорад».[1]

7. Назди ҷумҳури фуқаҳо пули закот то ба шахси мустаҳиққаш таслим нагардад, сарфи он дар дигар корҳои хайрия ва масолеҳи иҷтимоӣ, ба монанди сохтани масҷид, кафан кардани даргузашта, пардохтани қарзи даргузашта, бино кардани ҳаммом ва ғайра ҷоиз нест.

8. Вақте пули закот ба мустаҳиққаш таслим шавад, он гоҳ вай бо майли худ метавонад онро дар корҳои хайрия ба масраф расонад.

9. Додани закот ба хешовандони соҳибқаробати номбурда ҷоиз нест, вале ба хешовандони дигаре, аз қабили хоҳар, бародар, амак, тағо ва ғайра на танҳо ҷоиз, балки савоби зиёд ҳам дорад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«(Чунин шахсе) ду савоб мегирад: ҳам савоби хешутаборро ва ҳам савоби закотро»***.[2]

10. Ҳамон гуна ки баён гардид, ба фарзандони шахси сарватманд, яъне фарзандони хурдсолаш додани закот ҷоиз нест, зеро нафақаи онҳо ҳанӯз дар зиммаи падарашон (шахси сарватманд) мебошад, вале ба фарзандони бузургаш, ки дар зиндагӣ мустақил гардида ва аз падарашон ҷудо зиндагӣ мекунанд, ба шарте ки фақир бошанд, ҷоиз аст.

11. Ба шахси муздур (кироякор) ва хидматгори хона, ба шарте аз ҳуқуқи онҳо коста нашавад, додани закот ҷоиз аст.

12. Додани закот ба фарзандони разоӣ, ки аз ҷиҳати ширхорагӣ барояш фарзанд ба шумор мераванд, ҷоиз аст.

13. Шахсеро мустаҳиққи дарёфти закот гумон карда, закоташро ба вай диҳад ва пас аз чанде маълум шавад, ки вай мустаҳиқ набудааст, ё дар торикии шаб закоташро ба шахсе таслим кунад ва рӯзона маълум шавад, ки он шахс падар ё модар ё фарзанд ва ё нафари дигаре аз ғайри мустаҳиққони закот будааст, закоташ адо меёбад ва аз сар додани закот зарурат надорад.

14. Дар додани закот ва хайру садақот хешону бастагон аз ҳама муқаддамтаранд.

15. Тарк кардани шаҳру деҳи худ ва додани закот дар шаҳру рустои дигар макрӯҳ аст. Аммо дар сурате ки дар он шаҳру рустои дигар хешовандони фақиру муҳтоҷтаре дошта бошад, ё дар он ҷо донишмандону донишҷӯёни улуми динӣ бештар ва мӯҳтоҷтар бошанд, дар тамоми ин суратҳо интиқоли закот ба ҷои дигар кароҳияте надорад.

ШАРТҲОИ ИСТЕҲҚОҚИ ЗАКОТ

Дар ин ҷо шартҳоеро зикр менамоем, ки вуҷуди онҳо дар мустаҳиққони закот барои ҳақбар шуданашон аз моли закот зарурат дорад. Дар зимни он ба баъзе тафовутҳои фиқҳие, ки дар миёни коршиносони фиқҳи исломӣ вуҷуд доранд, ишора менамоем. Фақеҳони киром вуҷуди панҷ шартро дар мустаҳиққи закот зарурӣ донистаанд:

1. Бояд фақир ва тангдаст бошад

Вале корманди масъули ҷамъоварии закот ва мусофири дар роҳмонда аз ин шарт истисно мебошанд. Онҳо дар ҷои зисти худ сарватманд ҳам бошанд, додани закот ба онҳо ҷоиз аст. Бар асоси мазҳаби шофеъӣ ва ҳанбалӣ ду дастаи дигар – муаллафату-л-қулуб ва ғозиёни дар роҳи Худо низ аз шарти боло истисно мебошанд. Онҳо ҳарчанд сарватманд ҳам бошанд, додани закот ба онҳо ҷоиз аст.

Фақру нодорӣ шарти умумӣ барои тамоми навъҳои садақоти фарзӣ ва воҷибӣ, ба монанди закоту ушр, каффоратҳо, назрҳо ва садақаи Фитр мебошад. Агар ин садақоти фарзӣ ва воҷибӣ ба сарватмандон ва бойҳо дода шаванд, аз зиммаи соҳибаш соқит намегарданд. Инҳо

[1] Сураи Мумтаҳана, 60:8.
[2] Саҳеҳи Бухорӣ, муқаддимаи ҳадиси 1461.

бояд барои рафъи эҳтиёҷоти табақаҳои фақиру камбағали ҷомеа сарф шаванд.

Назди ҷумҳури донишмандони аҳли суннат танҳо ду гурӯҳи сарватмандон: кормандони ҷамъоварии закот ва мусофирони дар роҳмонда ва дар назди мазҳаби шофеъӣ ва ҳанбалӣ се гурӯҳи дигар: муаллафату-л-қулуб, ғозиёни роҳи Худо ва қарздоре, ки барои ислоҳи байни ҷомеа қарздор гашта бошад, сарватманд ҳам бошанд,[1] ҳаққи дарёфти амволи закотро доранд.

Бойӣ ва сарватмандӣ аз дидгоҳи мазҳаби ҳанафӣ иборат аст аз доштани миқдори моли ба нисобрасидае, ки аз ҳоҷатҳои зарурӣ ва асосии зиндагии инсон зиёд бошад. Ҳар касе аз миқдори нисоби закот камтар мол дошта бошад, фақири шаръӣ ба шумор рафта, аз ҷумлаи мустаҳиққони закот дониста мешавад.

Аммо вақте моликият аз дасте ба дасти дигаре гузашт ва мулк тағйир хӯрд, истифодаи шахсоне, ки додани закот ба онҳо манъ буд, аз он ба таври дигар ҷоиз мегардад. Мас., вақте шахси мустаҳиқ закоти сарватмандеро дарёфт намуд, онро метавонад барои шахсоне, ки додани закот ба онҳо мамнӯъ буд, ба сурати ҳадя тақдим намояд.

Аз Оиша (рҳ) ривоят шудааст, ки ***«Ба назди паёмбар (с) гӯште оварда шуд. Гуфтам: Ин аз моли садақа (закот) барои Барира (мавлои Оиша) дода шудааст. Фармуд: Он барои Барира садақа ва барои мо ҳадя аст»***.[2]

2. Бояд мусулмон бошад

Аз назари ҷумҳури уламои аҳли суннат додани садақоти фарзӣ ва воҷибӣ ба ҳеҷ навъ кофире ҷоиз намебошад. Зеро адои ин садақот ибодат мебошад ва сарфи ҳеҷ бахше аз ибодат ба кофир дуруст нест. Мустаҳиққи закот ва садақоти воҷибӣ ҳатман бояд мусулмон бошад. Дар тавсияи Паёмбар (с) ба Муъоз низ омадааст, ки: ***«Онро аз сарватмандони мусулмон бигир ва ба ҳоҷатмандонашон баргардон»***. Пас сарфи он дар ғайри мусулмонони ҳоҷатманд ҷоиз намебошад.

Назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) он аст, ки сарфи танҳо закот ба ғайри мусулмонон ҷоиз намебошад, зеро ҳадиси Паёмбар (с) хос закотро ном бурдааст. Вале сарфи дигар садақоти воҷибӣ ба кофирони ниёзманди ғайриҳарбӣ низ ҷоиз мебошад. Зеро дар ҳеҷ мавриди дигар садақоти воҷибӣ чунин тахсис дода нашудаанд ва Худованд мефармояд:

لَّا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمْ يُقَٰتِلُوكُمْ فِى ٱلدِّينِ
وَلَمْ يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوٓا۟ إِلَيْهِمْ
إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ ﴿٨﴾

«Худованд шуморо аз некӣ кардан ва адл намудан ба кофироне, ки дар бораи дин ба шумо наҷангидаанд ва шуморо аз диёратон хориҷ насохтаанд, боз намедорад, ...».[3]

Аммо сарфи он дар ҳаққи мусулмонони ниёзманд беҳтар мебошад. Назари имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Зуфар (рҳ) ҳамон мавқеи ҷумҳури уламо мебошад ва фатво ба қавли онҳост.

Назари моликиён ва ҳанбалиён дар мавриди «муаллафату-л-қулуб» аз мавқеи ҷумҳури уламо фарқ мекунад. Ба андешаи онҳо бахше аз мустаҳиққони муаллафату-л-қулуб метавонанд кофирон низ бошанд, кофироне, ки дар таълифи дилҳои онҳо умеди хайре барои мусулмонон ва ё дафъи шарре аз сари онҳо вуҷуд дошта бошад.

3. Аз фарзандони Ҳошим, яъне ҳошимӣ набошад

Зеро закот барои хонадони паёмбар (с) ҳалол намебошад.[4] Он ҳазрат (с) фармудааст:

---

[1] Манзур шахси сарватманде аст, ки барои ислоҳи корҳои иҷтимоӣ аз дигарон қарз гирифта ва аз дороии худ сарф накардааст. Онҳо аз назари фуқаҳои мазкур барои пардохти ин қарзашон ҳаққи дарёфти закотро доранд.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1493, 2578; Саҳеҳи Муслим, (1075)-171, 172, 173. Аз Ҷувайрия бинти Ҳорис, ҳамсари Паёмбар (с) низ ҳадисе ба ҳамин маъно ривоят шудааст. Паёмбар (с) дар он фармуд: ***«Онро пеш биовар. Зеро он, дар воқеъ, ба ҷои худ расидааст»***. Яъне ба сурати закот ба мустаҳиққи худ расид ва ҳоло ба сурати ҳадя ба мо тақдим шудааст. (Саҳеҳи Муслим, (1073)-169; Муснади имом Аҳмад, 27460, 27464. – Ҷ. 6. – С. 429).

[3] Сураи Мумтаҳана, 60: 8.

[4] Абуҷаъфари Таҳовӣ пас аз зикри як силсила аҳодис ва осори саҳеҳ дар таҳрими садақа бар банӣ Ҳошим мефармояд: Тамоми ин осор дар таҳрими садақа бар банӣ Ҳошим омадаанд ва чизеро намедонем, ки онҳоро

мансух намуда ё бо онҳо дар таоруз қарор гирифта бошад, магар он чизе, ки дар (аввали) ин боб зикр кардем, ки дар он далеле бар мухолифати инҳо вуҷуд надорад. Агар касе гӯяд, ки манзур аз он садақа махсусан закот буда ва садақоти дигаре ғайр аз он ҳеҷ боке надоранд, барояш гуфта шавад, ки дар ин осор он маъно ва чизе аст, ки ин фикри туро рад ва дафъ месозад, аз ҷумла, он чи дар ҳадиси Баҳз ибни Ҳаким омада, ки вақте чизе барои паёмбар (с) оварда мешуд, мепурсид, ки ин ҳадя аст ё садақа? Агар мегуфтанд, ки садақа аст, ба асҳобаш мегуфт: Бихӯред! Ва дигар он шахсро намепурсид, ки он садақаи закот аст ё ғайри он. Ва ин далолат бар он дорад, ки ҳукми тамоми навъҳои садақот дар ин бора баробар аст. Дар ҳадиси Салмон (рз) низ омадааст, ки фармуд: Он гоҳ (пас аз ҳиҷрати паёмбар (с) ва мусулмонон ба Мадина бо таоме) ба наздаш омадам. Гуфт: Ин ҳадя аст ё садақа? Гуфтам: Балки садақа аст, ба ман расида буд, ки шумо мардуми фақир ҳастед. Паёмбар (с) аз хӯрдани он худдорӣ кард ва Салмон дар он айём ғулом ва аз касоне буд, ки закот бар онҳо воҷиб нагаштааст. Ин ҳадис далолат бар он дорад, ки тамоми садақоти нафлӣ ва ғайринафлӣ бар Муҳаммад (с) ва ҳамаи банӣ Ҳошим ҳаром будааст. Дар нигоҳ ҳам инҳо бо ҳам баробар ҳастанд. … Вақте бар банӣ Ҳошим дарёфти садақоти фарзӣ ҳаром гашта бошад, пас садақоти ғайри фарзӣ низ бар онҳо ҳаром аст. Назар дар ин боб ҳамин аст ва ин қавли Абуҳанифа (рҳ), Абуюсуф (рҳ) ва Муҳаммад (рҳ) аст.

Аз Абуҳанифа (рҳ) дар ин бора ривоятҳои гуногун омадааст. (Аз ҷумла), аз ӯ ривоят шуда, ки фармуд: Тамоми навъҳои садақот бар банӣ Ҳошим боке надоранд. Назди мо (Таҳовӣ) вай (Абуҳанифа (рҳ) аз ин ҷиҳат ба ин раъй рафта, ки садақот бар онҳо барои он ҳиссае, ки аз саҳми завилқурбо барояшон пешбинӣ шуда буд, ҳаром гардонида шудааст. Вақте он саҳм бо вафоти расули Худо (с) аз онҳо қатъ ва ба ғайрашон баргашт, он чи бар онҳо ҳаром гардонида шуда буд, барояшон ҳалол гашт (ат-Таҳовӣ, Абуҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Саломат. Шарҳу маонилосор. – Ҷ. 2. – С. 10–11. – Бейрут: Оламулкитоб, 1994).

Ҳамин чизро Аликорӣ аз Таҳовӣ нақл кардааст, вале аз чӣ буда, ки дар нақли қавл ва назари фиқҳии Таҳовӣ дар ин масъала тасоҳул ва навъе таҳриф воқеъ шудааст: Таҳовӣ гуфта: Ва аз Абуҳанифа омада, ки тамоми садақот бар банӣ Ҳошим ҷоиз аст ва ҳурмат (ҳаром будан)-и онҳо дар замони расули Худо (с) аз ҷиҳати расидани якпанҷуми хумс ба онҳо буда ва чун он бо вафоти ӯ соқит гардид, барояшон садақот ҳалол гаштанд ва гуфтааст, ки ба ин қавм амал мекунем (Фатҳу бобилъиноят. – Ҷ, 1. – С. 539). Нахуст он ки гарчи ин қавл аз Абуҳанифа (рҳ) дар баъзе китобҳо ривоят шуда, вале назари аслӣ ва қавли маъмулун биҳи ӯ дар ин масъала қавли аввал ва назари қаблӣ аст, дуюм он ки «биҳи наъхузу – ба ин қавл амал мекунем» дар сухани Таҳовӣ вуҷуд надорад, балки назари ӯ ҳам дар китоби «Мухтасар» ва ҳам дар «Шарҳи маони-л-осор»-аш бо сароҳат баён шудааст, ки ҳамаи навъҳои садақот бар банӣ Ҳошим то абад ҳаром ҳастанд.

«Ин садақот чиркҳои моли мардум мебошанд ва онҳо ҳаргиз барои Муҳаммад ва хонадони Муҳаммад ҳалол намебошанд».[1]

Дар назди имом Кархӣ - фаръе аз ҳанафиҳо ва дар назди ҳанбалиҳо фарзандони Ҳошим иборатанд аз:

а) хонадони Аббос,
б) хонадони Алӣ,
в) хонадони Ҷаъфар,
г) хонадони Ақил,
ғ) хонадони Ҳорис.

Аммо дар назди худи имом Абуҳанифа (рҳ) ва моликиҳо танҳо фарзандони Ҳошим чунин ҳукме доранд ва фарзандони Мутталиб шомили он намегарданд.

4. Мустаҳиққи закот аз ҷумлаи хешовандоне, ки нафақаашон бар гардани закотдиҳанда воҷиб аст, набошад

Ба монанди падару модар ва бобиву бибӣ, фарзандон ва наберагон ва ҳамсар ва ё дигар хешовандоне, ки нафақаи онҳо бар закотдиҳанда воҷиб мебошад.

Назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва ҳанбалиҳо он аст, ки закот додани зан ба шавҳараш ҷоиз нест. Вале имомайн, шофеъиҳо ва моликиҳо бар ин назаранд, ки закоти зан ба шавҳар ва фарзандонаш ҷоиз мебошад, зеро нафақаи онҳо бар зиммаи зан намебошад ва дар ҳадисе, ки онро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд, низ ин амр ҷоиз дониста шудааст.[2]

Аммо ба бақияи хешовандон додани закот

[1] Муслим онро бо ин лафз ба таври марфуъ ривоят кардааст (Саҳеҳи Муслим, (1072)-168). Аҳмад ва асҳоби Сунан онро бо лафзи дигар ва аз тариқи дигар ривоят намудаанд.

[2] Зайнаб, ҳамсари Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) дар зимни ҳадиси муфассале ривоят мекунад, ки ***«…Ӯ ва зани ансорие Билолро ба назди Расули Худо (с) фиристоданд, то аз вай бипурсад, ки оё додани садақа (закот) ба шавҳаронашон ва ятимоне, ки дар канори онҳо ҳастанд, ҷоиз мебошад? Вале нагӯяд, ки онҳо кистанд. Он ҳазрат (с) аз Билол пурсид, ки онҳо кистанд? Гуфт: як зани ансорӣ ва Зайнаб. Боз пурсид: Кадом Зайнаб? Гуфт: Зани Абдуллоҳ. (Расули Худо (с) фармуд: (Оре), барояшон ду аҷр аст: ҳам аҷри хешовандӣ ва ҳам аҷри закот»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1466; Саҳеҳи Муслим, (1000)-45).

ҷоиз, балки беҳтар мебошад. Сарфи садақоти нафлӣ бошад, ба тамоми хешовандон ҷоиз мебошад.[1]

5. Болиғ, оқил ва озод бошад

Додани закот ба ғулом ба иттифоқи тамоми аҳли суннат ҷоиз намебошад. Зеро ғулом дар низоми ғуломдорӣ ҳаққи қабз ва моликиятро надорад ва ҳар чизе, ки ба даст меоварад, моли саййидаш ба шумор меравад. Ғулом вақте мукотаб гардад, аз ҷумлаи масрафҳои закот ба шумор меравад.

Дар мазҳаби ҳанафӣ додани закот ба кӯдаки ноболиғ ва девона низ ҷоиз нест, вале агар аз ҷониби онҳо падар, сарпараст ва ғайри онҳо моли закотро қабз намояд, дуруст аст. Додани закот ба фарзандони хурдсоли шахси сарватманд ҷоиз намебошад, зеро онҳо ҳанӯз дар кафолати падарашон мебошанд ва бо моли ӯ сарватманд ба шумор меоянд. Аммо фарзандони калони шахси сарватманд, вақте фақир бошанд, мустаҳиққи закот ба шумор мераванд, зеро онҳо аз назари иқтисодӣ аз падарашон ҷудо ва мустақил мебошанд.

Шофеъиҳо рашид ва пухта будани закотгирандаро низ шарт донистаанд, яъне ба иловаи оқил ва болиғ буданаш боз дар мол ба дурустӣ тасарруф карда тавонад. Зеро Худованд мефармояд:

وَلَا تُؤْتُوا۟ ٱلسُّفَهَآءَ أَمْوَٰلَكُمُ ٱلَّتِى

جَعَلَ ٱللَّهُ لَكُمْ قِيَٰمًا ...

«Аз он молҳоятон, ки Худованд ҳаққи сарпарастӣ ва назорати онро ба шумо вогузоштааст, сафеҳон (ва нопухтагон)-ро надиҳед…».[2]

Ҳанбалиҳо бошанд, додани закотро барои хурду бузург ва кӯдаку калонсол ҷоиз донистаанд. Локин сарпараст ва валии онҳо бояд моли кӯдак ва девонаро қабз намояд.

Бинобар шартҳои мазкур додани закот ба панҷ гурӯҳи одамон ҷоиз намебошад:

1. Шахси сарватманд.

2. Ғулом.

3. Фарзандони Ҳошим ва Мутталиб.

4. Кофир.

5. Хешовандоне, ки нафақаи онҳо бар закотдиҳанда воҷиб мебошад. Яъне миёни онҳо ва шахси закотдиҳанда қаробати насаб ва ё қаробати заношавҳарӣ вуҷуд дошта бошад.

ОДОБ ВА МАМНӮОТИ ЗАКОТ

Шахси закотдиҳанда дар вақти анҷоми ин фаризаи илоҳӣ бояд одоб ва ҳолатҳоеро риоя намояд, то ин ибодати молии ӯ мақбули даргоҳи Ҳақ гардад:

1. Бо дили шод ва ризоияти хотир онро пардохт намояд.

2. Аз беҳтарин, поктарин ва гуворотарин молаш онро бипардозад.

3. Дар мазҳаби ҳанафӣ гоҳе пинҳон ва гоҳе ошкор додани закот хуб аст. Дар ҷое, ки дурӣ аз хатари риё ва худнамоӣ манзури шахси закотдиҳанда бошад, ба сурати пинҳонӣ баровардани моли закот беҳтар аст, вале дар ҷое, ки чунин хавфе вуҷуд надошта бошад, барои намунаи амалии дигарон гардидан ва сарватмандони дастбахайрро ба ин кори муҳим ҳавасманд намудан, беҳтар аст онро ба таври ошкор пардохт намояд.

4. Барои сарфи закоти худ шахсони неку солеҳ ва аҳли илму фазилат ва тақворо, ки фақру фоқаи худро аз чашми дигарон ниҳон медоранд, ихтиёр намояд.

5. Ҳамин ки навъе аз молаш ба ҳадди нисоб расид ва шартҳои фарзияти закот дар он фароҳам гардид, фавран ба пардохти закоти молаш мубодират варзад.

6. Ҳеҷ зарурате надорад, ки шахси муста-

---

[1] Ривоят шудааст, ки Зайнаб (ҳамсари Абдуллоҳ) ба Расули Худо (с) гуфт: ***«Ман зани косиб ва ҳунарманд ҳастам ва дастмоямро мефурӯшам, вале фарзандон ва шавҳарам чизе надоранд. Ман ба нигоҳубини онҳо машғул гашта, аз садақа (ба дигарон) боз мондам. Оё дар бораи онҳо бароям ачре ҳаст? Фармуд: Оре, дар ин кор бароят ду ачр аст: яке ачри садақа ва дигаре ачри силаи раҳм»*** (Шарҳи маъони-л-осор. – Ҷ. 2. – С. 23; Сунани Куброи Байҳақӣ, 7549. – Ҷ. 4. – С. 178).

Бар ҳамин асос, имом Абуҳанифа (рҳ) ин ҳадисҳоро, умуман, ба садақоти нафлӣ марбут медонад, зеро дар ривояти охир фарзанд зикр гардидааст, ки закоти фарзӣ ба вай бо иттифоқи ҳама ҷоиз нест.

Аз Салмон ибни Омир (рз) низ ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Садақа бар мискин танҳо садақа аст, вале он бар хешовандон ду чиз аст: ҳам садақа аст ва ҳам силаи раҳм, яъне пайванди хешутаборӣ»*** (Сунани Тирмизӣ, 658; Сунани Ибни Моҷа, 1844; Сунани Насоӣ, 2582; Муснади имом Аҳмад, 16278. – Ҷ. 4. – С. 18).

[2] Сураи Нисо, 4: 5.

ҳиқро ба закот будани он мол огоҳ намояд.

7. Ҳангоми пардохти закоташ хуб аст дуо намояд: «**Аллоҳумма-ҷъалъҳо мағнаман ва ло тағъалҳо мағраман»** (*Худовандо, онро бароям фоида ва ғанимат бигардон, на зиёну хасорат)*. Ё ин ки бигӯяд: **«Раббано, тақаббал минно, иннака антассамиъул ъалим».**[1]

Шахси закотгиранда барояш дуо намояд, ки: «**Оҷаракаллоҳу фимо аътайта ва борака лака фимо абқайта ва ҷаъалаҳу лака таҳуро»** (*Худованд туро дар ин додаат аҷр диҳад ва дар мондаат бароят баракат ниҳад ва онро бароят поксозанда гардонад)*.[2]

Дар қисмати дуюми ояти 103-юми сураи «Тавба» Худованд ба паёмбар (с) тавсия мекунад, ки: **«(Пас аз дарёфти закоти онҳо аз Худо барояшон талаби мағфират намо ва) барояшон дуо кун. Зеро дуои ту барои онҳо оромиш мебахшад ва Худо шунавову доно аст»**.

Ҳарчанд ин тавсияи илоҳӣ ба сӯи паёмбар (с) ва пас аз вай ба сӯи коргузорон ва ҷамъоварандагони молиёти закот равона бошад ҳам, вале ба шахси закотгиранда низ ба гунае бастагӣ дорад. Вай бояд дар ҳаққи закотдиҳанда дуо ва талаби мағфират намояд.

Аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с), вақте қавме садақоти худро ба назди эшон меовардand, дар ҳаққи онҳо мегуфт: Худоё, бар онҳо дуруд фирист. Падарам Абуавфо садақоти худро ба назди ӯ овард. Он ҳазрат (с) фармуд: Худоё, бар хонадони Абуавфо дуруд фирист»***.[3]

1. Закот ва ибодати худро бо миннату озори (забонӣ ва амали)-и закотгирандагон ботил ва бесамар нагардонад. Миннату озор ҳар гуна садақаву ибодат ва савоби онро ботил ва беасар мегардонад. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُبۡطِلُواْ صَدَقَٰتِكُم بِٱلۡمَنِّ وَٱلۡأَذَىٰ ...

«Эй касоне, ки имон овардаед, садақоти худро бо миннату озор (и дигарон) ботил насозед…».[4]

Ҳамчунин, хайру закоти худро ҳаргиз бисёр нашуморад, зеро ин ҳолат аъмоли инсонро беҳосил ва ботил мегардонад.

МОЛҲОИ ЗОҲИР (ОШКОР) ВА БОТИН (ПӮШИДА)

Дар чорчӯбаи фиқҳи исломӣ молу дороие, ки аз онҳо закот дода мешавад, ба ду қисм тақсим шудааст. Қисме аз онҳо амволи зоҳир ба шумор мераванд ва шариат ба коргузорони кумитаи ҷамъоварии молиёти закот ҳисобот ва ҷамъоварии онро иҷозат додааст. Ин навъи амволро дар истилоҳи фиқҳ амволи зоҳир гуфта мешавад ва дар назди бузургони ҳанафӣ танҳо чаҳорпоён ва ҳосили зироату меваро дар бар мегирад.

Қисми дуюм молҳои ботин ва ё пӯшида мебошанд. Ба ин маъно, ки шариат ба коргузорони кумитаи ҷамъоварии молиёти закот ҳаққи таҷассус, таҳқиқ ва гирифтани закоти онҳоро надодааст, балки пардохти закоти онҳо ба ихтиёри худи соҳибони мол гузошта шудааст. Ин навъи молҳо шомили нақдинаҳои тилову нуқра, ҷавоҳирот, пулҳо ва молҳои тиҷоратӣ мегардад.

Аммо як ҳолате вуҷуд дорад, ки дар он молҳои тиҷоратӣ ва нақдинаҳо аз моли пӯшида ба моли ошкор табдил меёбанд. Он вақте мебошад, ки он молҳо аз шаҳре ба шаҳре ва ё аз сарзамине ба сарзамини дигаре интиқол дода шаванд. Дар ин сурат ушргире, ки дар нуқтаҳои ушргирӣ (гумрук) истодааст, закоти он молҳоро, агар қаблан пардохт нагашта бошад, мегирад. Ушргири давлат вақте ҳаққи дарёфти закоти ин молҳоро дорад, ки давлат амнияти интиқоли онҳоро комилан кафолат диҳад. Вале то вақте интиқол дода нашуда бошанд ва аз шаҳр берун бароварда нашаванд, ҳамчунон молҳои пӯшида боқӣ мемонанд.

Ушри зироат ва мевае, ки тез вайрон мешаванд ва имкони ҳифз ва нигаҳ доштани онҳо дар анборҳои давлат вуҷуд надошта бошад, агар аз чунин нуқтаҳои ушргирӣ интиқол ёбанд, низ ба соҳиби он вогузор мегардад.

Ривоят шудааст, ки: *«Умар ибни Абдулъазиз ба*

[1] Ояти 127-уми сураи Бақара мебошад ва аз Иброҳим (а) ва Исмоил (а) хабар медиҳад, ки ҳангоми бардоштани деворҳои хонаи Каъба ин дуоро мекарданд: **«Худоё, аз мо бипазир. Воқеан ҳам, Ту шунавову доной»**.

[2] ал-Азкори Нававӣ. – С. 154. Гуфтани ин дуо ва ё монанди он аз сӯи закотгиранда мустаҳаб мебошад.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1497, 4166, 6332, 6359; Саҳеҳи Муслим, (1078)-176; Сунани Абудовуд, 1590.

[4] Сураи Бақара, 2: 264.

ушргири худ Зурайқ навишт: Нигоҳ кун, касе аз мусулмонон аз пешат гузашт, аз молҳое, ки дар гардиши тиҷорати худ дорад ва зоҳир гаштааст, аз ҳар чил динор як динор закот бигир».[1]

Рикоз низ аз ҷумлаи молҳои ботин ва пӯшида ба шумор меравад.

Ошкор ва пӯшида будани молҳое, ки дар онҳо закот воҷиб мешавад, ба маънои намоён будан ва ё набудани онҳо дар чашми мардум нест, балки он ба маънои ин аст, ки баъзе аз дороиҳои шахс бештар дар маърази нобудӣ ва хатар қарор доранд, ба монанди чаҳорпоён, киштзорҳо, боғҳо ва ғайра ва вақте давлат дар таъмини амният ва фароҳам овардани заминаҳои рушди онҳо нерӯ ва хароҷоти бештаре сарф менамояд, ба вай ҳаққи назорат, ҳисобот ва ҷамъоварии закоти онҳо дода шудааст.

Вақте закот ва ушри ин чизҳо ҷамъоварӣ мешавад, бояд дар байни фақирон ва камбағалони ҳамон минтақа ва деҳа тақсим карда шавад. Дар сурати пайдо нашудани мустаҳиққи закот он ба хазонаи марказии давлат фиристода мешавад.

Дар айни ҳол дини ислом ҳуқуқи моликияти шахсиро низ барои соҳибонашон ҳифз намудааст. Агар онҳо закоти ин навъ молу дороии худро қабл аз омадани кормандони кумитаи закот пардохт намоянд, давлат дигар дар моли онҳо дахолате надорад.

Дар бахши дигари моликияти хусусӣ, ки дар истилоҳи фиқҳӣ ба унвони молу дороиҳои пӯшида шинохта шудааст ва давлат дар ҳимояи он заҳмати зиёде намекашад, ислом ба он ҳеҷ гуна ҳаққи тасарруфе надодааст. Ҳаққи пардохти закоти онҳо комилан ба соҳибонашон вогузор гардидааст.

Албатта, ин раванди иқтисодии ислом ба маънои фурсат додани сарватмандон барои гурехтан аз пардохти закоти қисме аз дороиҳоя шон намебошад, балки он ба маънои ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар бахши моликияти хусусӣ мебошад. Ислом ҳатто ба давлати исломӣ ва пешвои мусулмонон, ки намояндаи тамоми уммат ва посдори қонуни шариъ аст, ҳаққи бозрасӣ, таҷассус ва бозхости мардумро дар бахши моликияти хусусӣ надодааст.

Аз сӯи дигар, ин барномаи иқтисодиро ибодати Худо ва яке аз рукнҳои дин қарор додааст ва тахаллуф аз онро ба маънои тахаллуф аз Ислом донистааст. Дар ин ҳолат давлат ҳаққи назорат ва тарбияи маънавии шаҳрвандони худро дорад, то бо дарки аҳаммият ва моҳияти амалии фаризаи закот пардохти онро ба таъхир наандозанд.

Яке аз тавоноиҳои ислом дар он аст, ки аъмоли инсонро пӯшиши ибодат мебахшад ва онро аз сатҳи амали сирф дунявӣ ба мақоми рафеи парастиши Худо мебардорад. Инсонро аз пастии тамаъҳои моддӣ ва дилбастагиҳои ночизи дунё ба сӯи қуллаи камоли инсонӣ ва арзишҳои маънавӣ ба ҳаракат меоварад.

Аммо имрӯзҳо дар баъзе кишварҳои исломӣ давлатҳо дар зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра ба кашфи сармояҳои нақдӣ ва пасандозҳои бонкии шаҳрвандони мусулмони худ мепардозанд ва онҳоро ба пардохти молиёти закот ва андозҳо маҷбур менамоянд. Оё бо ин кори онҳо, ки шариъан ҷоиз нест, молҳои пӯшида ба молҳои ошкор табдил меёбанд? Албатта, бар асоси он чи зикр гардид, он молҳо ҳеҷ гоҳ ба моли ошкор табдил намешаванд.

Давлат бошад, бо ин кор амнияти ҳуқуқии шаҳрвандони худро дар бахши моликияти хусусӣ аз байн мебарад ва ин амр боис мешавад, то сармояҳои зиёде аз кишвар ба ҷоҳои амнтаре интиқол дода шаванд. Ин амр дар ниҳоят, боиси аз байн рафтани амнияти молӣ, гурези сармояҳо ва заъфи иқтисодии кишвар мегардад.

[1] Муваттаи имом Молик. – Ҷ. 1. – С. 248; ал-Амволи Абуубайд. – С. 426; ал-Хироҷи Абуюсуф. – С. 127. Ба нақл аз китоби Пажӯҳишҳои фиқҳие дар бораи проблемаҳои муосири закот. – Ҷ. 1. – С. 127.

Фасли панҷум

ОЁ ЗАКОТ ПАС АЗ ВАФОТИ ШАХС СОҚИТ МЕШАВАД

Қарзҳо ва масъулиятҳои шаръии шахс ду навъ мебошанд. Ё дар миёни банда ва Худо қарор доранд ва робитаи бандаро бо Парвардигораш муайян месозанд ва онҳо ҷузъи ҳуқуқҳои Худованд ба шумор мераванд, ба монанди намоз, рӯза, каффоратҳо ва ғайра ё дар миёни афроди ҷомеа барқарор буда, қарз ва масъулияти онҳоро дар пеши якдигар муайян месозанд, ба монанди муомилоти қарзие, ки бо якдигар анҷом медиҳанд. Вақте банда ин масъулиятҳо ва қарзҳои худро адо нокарда, аз дунё гузарад, оё пас аз марг ин масъулиятҳо ва қарзҳо ҳамроҳи моли боқигузоштаи ӯ ба ворисонаш интиқол меёбанд, ё не? Оё қарзҳои молии вай ба молу дороии ба меросгузоштааш тааллуқ пайдо мекунанд, ё не?

Дар байни мактабҳои фиқҳии аҳли суннат дар ин бора ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Яке он ки тамоми масъулиятҳои динӣ ва қарзҳои ӯ ба ворисонаш интиқол меёбанд ва бояд аз ҷониби онҳо ба ҷой оварда шаванд ва агар қарзи молӣ бошанд, аз моли шахси фавтшуда пеш аз таракаи он пардохта шаванд.

Аммо назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ он аст, ки он чи дар байни банда ва Худо қарор дорад ва аз ҷумлаи ҳуқуқҳои Худованд бар бандагонаш ба шумор меравад, ба куллӣ қатъ мегардад ва дигар касе наметавонад онро аз ҷониби вай анҷом диҳад. Зеро он аъмол ва масъулиятҳои шаръӣ ба ният зарурат доранд ва ният аз ҷониби шахси даргузашта дуруст намегардад. Вале он чи ба ҳуқуқи бандагон тааллуқ дорад, ба монанди муомилоти қарзӣ ба моли вай тааллуқ пайдо мекунад ва бояд пеш аз тарака пардохта шавад.

Назари бузургони ҳанафӣ дар ин бора равшан мебошад, вале аз он ҷо, ки закот ду ҷанба дорад: яке ҷанбаи ибодатӣ ва дигаре ҷанбаи молӣ, дарки моҳияти масъала барои баъзеҳо каме мушкил гаштааст. Зеро закот ҳарчанд ибодат ҳам бошад, вале аз ҷанбаи молӣ ба ҳуқуқи бандагон тааллуқ дорад ва он ҳаққи одамони фақиру камбизоат мебошад. Бар ҳамин асос, баъзе бузургон пардохти онро пас аз марги банда аз моли ба меросгузоштаи вай зарур шуморидаанд.

Аммо аз назари пешвоёни ҳанафӣ закот, пеш аз ҳама, ибодати Худо ва яке аз муҳимтарин рукнҳои бинои Ислом ба шумор меравад ва дар чунин амале ният шарти дуруст гардидани он мебошад. Вақте банда фавт мекунад, дигар аъмоли вай аз дунё қатъ мегарданд ва нияти дигар кас аз ҷониби ӯ дуруст намегардад. Пас закот низ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои Худованд ба шумор меравад, ки бо марги соҳибаш аз вай соқит мегардад. Ба ин маъно, ки дигар касе наметавонад онро аз ҷониби вай анҷом диҳад ва вай аз дунё гунаҳгор меравад.

Агар пеш аз вафот ба додани закоташ васият намояд, дар ин сурат он ба сулс (сеяк)-и молаш тааллуқ пайдо мекунад ва бар ворисон мустаҳаб аст, ки онро пеш аз тарака пардохт намоянд. Яъне додани он бар ворисон дар ин сурат ҳам мустаҳаб мебошад, на воҷиб.

ОЁ ГУРЕЗ АЗ ПАРДОХТИ ЗАКОТ БО БА КОР БУРДАНИ ҲИЛА ҶОИЗ АСТ?

Закот севвумин рукни бинои ислом ва яке аз барномаҳои муҳимми ибодатӣ ба шумор меравад. Бандаи муъмин бояд хуб дарк намояд, ки дар ин гуна мавқеъҳо бо Худои огоҳу доно муомила менамояд. Худованд аъмоли солеҳ ва ибодатҳоро танҳо аз покон мепазирад ва дар бораи закот ва инфоқ бо сароҳат фармудааст, ки: **«Ва (дар миёни молҳоятон) аз моли нопок, паст ва камсифати он қасди инфоқ нанамоед…»**.[1] Дар ҷои дигар мефармояд,

[1] Сураи Бақара, 2: 267.

ки: **«Гӯштҳо ва хунҳои қурбониҳои шумо ба Худо намерасанд, валекин он тақвое, ки (дар дили шумо) ва аз ҷониби шумо аст, ба Ӯ мерасад…»**.[1]

Ростӣ бо Худо нишонаи ростии инсон дар зиндагӣ аст ва вафо кардан ба аҳди Парвардигор нишонаи вафодорӣ, амонатдорӣ ва садоқати ӯ дар муъомилоти мардум аст. Шахсе бо Худо рост набошад, бо халқи Худо низ рост нест. Шоире дар ин бора мефармояд:

Побанди амри Ҳақ чун найӣ, аз вафо малоф,
Бо Холиқат чӣ кардӣ, ки бо халқи Ӯ кунӣ?.

Бинобар ин, гурез аз пардохти ҳуқуқҳои молии Худованд ва ба кор бурдани ҳилаҳо барои халос намудани худ аз пардохти закот хилофи имони ба Худо ва ба рӯзи охират аст ва барои бандае, ки мавриди навозишҳои бепоёни Худованд қарор гирифтааст ва бо ёрии Ӯ ба молу сарват расидааст, намесазад, ки ба чунин василаҳое даст занад ва саъй намояд, то аз ҳуқуқҳои Худованд шона холӣ кунад.

Имом Абуюсуф (рҳ) дар китоби пуразиши худ «Хироҷ» мефармояд: *«Барои шахсе, ки ба Худо ва ба рӯзи охират имон дорад, ҳалол нест, ки аз пардохти закот худдорӣ намояд ва ё онро аз мулки худ хориҷ ва ба моликияти дигарон даровард, то сарвати ҷамъомада дар миёни чанд нафар тақсим гашта, аз ҳадди нисоб поён шавад ва закот аз вай соқит гардад. (Мас.) шутурҳо, говҳо, гӯсфандон (ва дигар дороӣ)-и худро (пеш аз тамом шудани сол) дар миёни (фарзандон ва ё наздиконаш) тақсим намояд, то закот бар вай воҷиб нагардад. (Бандаи муъмин) набояд дар соқит намудани закот бо ягон ваҷҳ ва ё василае ҳиларо ба кор барад»*.[2]

ТАВСИЯҲОИ УМУМӢ

1. Вақте моли закот дар дасти соҳибаш ва ё дар дасти намояндааш пеш аз расидан ба мустаҳиқ талаф ёбад, закот аз зиммааш соқит намегардад, бояд закоташро аз сар пардохт намояд. Аммо агар онро корманди идораи закот дарёфт намуда бошад, вале пеш аз расонидани он ба мустаҳиқ талаф ёбад, дар ин сурат закот аз зиммаи закотдиҳанда соқит шудааст. Ва корманди идораи закот низ, агар онро қасдан талаф надода бошад, зомин намегардад.

2. Бе зарурат ба таъхир андохтани закот дар меъёри арзиши шахсияти инсон таъсир дорад ва на танҳо гунаҳгор мегардад, балки мардудушшаҳодат мегардад, яъне шахси мусулмон бо ба таъхир андохтани пардохти закот дар ҷумлаи фосиқон дохил мешавад ва дар ҳеҷ мавриде шаҳодати вай пазируфта нест. Зеро пардохти закот бинобар зоҳири мазҳаб воҷиби фаврӣ мебошад.

Ин дар ҳолати ба таъхир андохтани пардохти он мебошад ва ҳукми худдорӣ аз пардохти он ба тафсил дар гузашта баён гардид.[3]

Вале агар таъхири пардохти закот дар натиҷаи интиқоли он ба ҷои дигар сурат гирад, он зарараре надорад.

3. Закот бо гузашти вақташ соқит намегардад. Агар шахсе бе ягон ваҷҳи шаръие закоти чандсолаашро надода бошад, онҳо аз вай соқит намешаванд, бояд закоти он солҳоро низ пардохт намояд.

Ваҷҳое, ки дар натиҷаи онҳо закот комилан аз шахс соқит мегардад ва шариат онҳоро мавриди эътибор қарор додааст, мусодира шудани молу мулк, дуздида шудан, гум шудан, аз тарафи касе ғасб шудан ва ғайра мебошанд. Дар ин ҳолатҳо, агар мол пас аз чанд муддате ба соҳибаш баргардад, закоти солҳои гузаштааш аз вай соқит мебошад. Зеро дар ин муддат ду шарти закот: ҳам моликияти пурра ва ҳам нумӯ дар онҳо вуҷуд надошт.

4. Вақте шахсе закоти чандсолаашро напардохта бошад, ҳатман саҳми закот низ ҳамроҳи боқимондаи молҳояш рушд менамояд, вале мустаҳиққони закот дар фоидаи он шарик намегарданд. Пас бар гардани молик танҳо пардохти закоти он солҳо мебошад, бе дарназардошти он фоидае, ки дар ин муддат аз ҳаққи закот ба даст овардааст.

5. Молҳое, ки айнан ҳаром мебошанд, ба мо-

[1] Сураи Ҳаҷ, 22:37.

[2] Имом Абуюсуф, ал-Хироҷ. – С. 80. Ба нақл аз китоби Фиқҳу-з-закоти Юсуф Қарзовӣ. – Ҷ. 2. – С. 329.

[3] Барои огоҳии бештар дар ин бора ба китоби Радду-л-муҳтор маъруф ба Ҳошияи Ибни Обидин, китоби закот, мавзӯи: Закоти самани ашёи фурӯхташуда. – Ҷ. 3. – С. 178 муроҷиат шавад.

нанди худмурда, шароб ва ғайра ва ё аз роҳҳои ҳаром ва ғайри шаръӣ ба даст оварда шудаанд, ба монанди моли ғасбшуда, моли дуздидашуда ва ҳоказо дар онҳо закоте воҷиб намешавад. Зеро бандаи мусулмон шаръан ҳаққи истифода аз онҳоро надорад. Дар сурати аввал моликияти онҳо барои вай ҳаром мебошад ва дар сурати дуюм онҳо моли ғайр ба шумор мераванд.

Агар аз молҳои навъи аввал даромаде ба даст оварда бошад, бояд онро комилан садақа намояд ва худро аз гуноҳи он берун кашад. Молҳои навъи дуюмро бояд ба соҳибонашон баргардонад. Ва дар ҳар ду сурат истифода аз онҳо барояш ҳалол намебошад ва бар ҳамин асос, закоте ҳам бар вай воҷиб намегардад. Вале агар молҳои ҳалол ва ҳаромаш бо ҳам омехта бошанд ва онҳоро аз ҳам ҷудо карда натавонад, аз ҳамаи онҳо закот медиҳад.

Даромаде, ки аз қарзҳои рибавӣ ва ё аз тариқи ришва (порахӯрӣ) ба даст меояд, низ ҳамин ҳукмро дорад.

6. Бо тағйир ёфтани нияти шахс дар аснои сол тарзи тааллуқи ҳукми закот ба молу дороии вай низ тағйир меёбад. Мас., агар саршумори гӯсфандон ва говони соимаи шахсе ба нисоб расида бошад, вале дар аснои сол нияташ тағйир ёбад ва онҳоро бо мақсади тиҷорат ба фурӯш бароварад, дар ин сурат ҳисоби соли қаблӣ бекор мешавад ва аз сар ба ҳисоби соли тиҷоратӣ закот бар вай воҷиб мегардад. Яъне аз вақте ки нияти тиҷорат кардааст, агар қимати молҳояш ба нисоб бирасад, соли нави тиҷоратӣ барояш шурӯъ мегардад ва пас аз гузашти як сол закот бар вай воҷиб мегардад.

Ҳамчунин, агар нияташ дар бораи гову гӯсфандоне, ки барои тиҷорат харида буд, тағйир ёбад ва онҳоро ба хотири насл ва шир ба сурати соима парвариш диҳад, соли тиҷоратӣ бекор мегардад ва аз нав бояд барои закоти онҳо соли саршумориро ба ҳисоб гирад.

Ҳамин тавр, агар дар аснои сол молҳоеро, ки барои тиҷорат харида буд, барои рафъи эҳтиёҷоти зиндагӣ аз фурӯш бароварад, онҳо ҷузъи ниёзҳои зиндагӣ ба шумор рафта, закот аз онҳо соқит мешавад. Баръакс, агар молу хӯрока ва ашёи дигареро, ки барои таъмини ниёзҳои зиндагӣ харида буд, бо мақсади тиҷорат ба фурӯш бароварад ва ё манзили изофиашро ба фурӯш гузорад, агар қимати онҳо ба нисоб бирасад, аз вақте, ки дар онҳо нияти тиҷорат намудааст, соли тиҷоратӣ дар онҳо шурӯъ мегардад ва пас аз гузашти як сол бояд аз онҳо закот диҳад. Агар қимати онҳо ба нисоб нарасад, дар сурате пули дигаре дошта бошад, онҳоро бо ҳам ҷамъ менамояд ва вақте ҳамааш ба нисоб бирасад ва соле бар он бигузарад, аз онҳо закот медиҳад.

Аммо, агар онҳоро на барои тиҷорат, балки барои ҳоҷате бифурӯшад ва пули онро дарҳол дар он сарф намояд, дар он чизе воҷиб намешавад. Вале агар аз як тиҷорат ба дигар намуди тиҷорат гузарад ва ё навъи молҳои тиҷоратиашро иваз намояд, ин кор дар вуҷуби закот ва гузашти сол ҳеҷ таъсире надорад. Пас аз пурра гардидани сол закоти онҳоро бояд пардохт намояд.

Агар пулҳояшро дар аснои сол ба сармояи ғайри манқул, ба монанди хона, замин ва ғайра ва ё манқуле, ки дар онҳо закот воҷиб намешавад, ба монанди мошин ва ғайра, табдил диҳад, закот аз онҳо соқит мешавад. Албатта, закот ба шарте аз онҳо соқит мешавад, ки дар онҳо нияти тиҷорат накарда бошад.

7. Шахс метавонад закоти худро дар миёни ҳамаи мустаҳиққони ҳаштгона (ва назди аиммаи ҳанафӣ ҳафтгона) ё чанд гурӯҳи онҳо, агар вуҷуд дошта бошанд ва ё як навъи онҳо ба ҳар миқдоре мехоҳад, тақсим намояд.

Аз назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ ба як шахси мустаҳиқ дар болотарин сатҳ танҳо ба миқдори як нисоб закот додан ҷоиз мебошад ва вай бо ҳамин ба поёнтарин ҳадди сарватмандӣ, яъне нисоб мерасад.[1] Дар айни ҳол ба дигар аҳли хонаводааш, ба монанди ҳамсар, фарзанди ба балоғат расида, падару модар ва дигар тобеонаш низ додани миқдори як нисоб ҷоиз мебошад, яъне барои аҳли як хонавода ба миқдори чанд нисоб закот додан ҷоиз мебошад.

Аз назари дигар мактабҳои фиқҳӣ бошад, додани миқдори чанд нисоби закот ба як шахси мустаҳиқ ҷоиз мебошад.

Дар ушр чунин маҳдудияте вуҷуд надорад, ҳар миқдоре ба як мустаҳиқ дода шавад, ҷоиз мебошад.

8. Дар закот низ, ба монанди дигар навъҳои муомилот ваколат ва намояндагӣ ҷоиз мебошад. Одами соҳибнисоб метавонад барои пардохти закоташ шахсеро вакил (намоянда) гардонад ва

[1] Ин кор дар назди баъзе фақеҳон бо кароҳият ҷоиз мебошад, вале дар назди имом Абуюсуф ҳеҷ гуна кароҳияте надорад.

ӯро дар тақсими моли закот ба таври мутлақ ваколат диҳад. Дар ин ҳолат вакил ба ҳар шахсе, ки мустаҳиқ бошад, метавонад закоти муваккили худро бидиҳад, ҳатто агар худаш мустаҳиқ бошад, метавонад онро барои худаш бигирад.

Аммо агар ӯро барои расонидани закоташ ба шахси муайяне вакил намояд ва шахси мустаҳиқро ба таври аниқ муайян гардонад, дар ин сурат вакил ҳақ надорад онро ба шахси дигаре бидиҳад. Агар онро дар шахси дигаре сарф намояд ва муваккил ба ин кори вай розӣ нашавад, вакил моли ӯро зомин мегардад.

9. Вақте навъе аз молу дороии шахс ба нисоб расид, аз ҳамон вақт гардиши сол барояш шурӯъ мешавад. Пас аз комил гардидани як сол, агар он молу дороӣ аз ҳадди нисоб кам нагашта бошад, пардохти закот бар вай воҷиб мегардад. Бар асоси мазҳаби ҳанафӣ барои вуҷуби пардохти закот бояд молу дороии шахс лоақал дар ду тарафи сол дар сатҳи нисоб қарор дошта бошад. Агар дар аснои сол аз нисоб поён ҳам шавад, вақте дар охири сол дар сатҳи нисоб қарор дошта бошад, он камӣ ва нақсе, ки дар аснои сол ба вуҷуд омадааст, дар вуҷуби пардохти закот таъсире намерасонад.

Вале агар дар аснои сол он мол комилан талаф ёбад ва ё дар эҳтиёҷоти зиндагиаш ба масраф расад ва боз моли дигаре ба даст оварад ва он ба нисоб бирасад, закот аз моли талафгашта ва ба масрафрасида соқит мегардад ва барои моли нав соли нав шурӯъ мешавад. Гардиши сол барои вуҷуби закот дар ин мол ба давоми соли моли талафёфта пайваст намешавад.

10. Нисоби молҳои тиҷоратӣ бо нисоби яке аз нақдайн: тило ва нуқра муайян карда мешавад ва чи тавре гуфта шуд, феълан тарҷеҳ дода мешавад, ки он бо нисоби тило бароварда ва муайян карда шавад. Онҳо нархгузорӣ мешаванд ва вақте ба қимати бист мисқол, яъне ҳаштоду панҷ (85) грамм тило баробар шуданд, пас аз гузашти сол закоти онҳо бароварда мешавад.

СОЛШУМОРИИ ҚАМАРӢ (МОҲТОБӢ)

Худованд тамоми арзишҳои эътиқодӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва асосҳои амалиеро, ки барои бинои як тамаддун зарурат доранд ва онро аз ҳар мактаб ва фалсафаи дигаре истиқлол мебахшанд, дар захираи фарҳангии дини Ислом фароҳам овардааст ва пайкари уммати исломро як ваҳдати мутакомил гардонидааст.

Аз ҷумла, барои ин камоли фарҳангӣ ва истиқлоли амалӣ солшумории қамариро барои он баргузидааст. Тамоми ибодатҳоеро, ки дар соле як бор воқеъ мешаванд, бар асоси гардиши соли моҳтобӣ муқаррар намудааст, то онҳо дар тамоми фаслҳо ва мавсимҳои сол гардиш ёбанд ва бандаи муъмин дар вақтҳои мухталиф ва мавсимҳои гуногун ба ибодати Худо унс дошта бошад. Дар Қуръони карим омадааст: **«Туро дар бораи моҳҳои нав (ва дигаргуниҳои қурси моҳ) мепурсанд, бигӯ: Онҳо вақтнамоҳо (и табиъӣ) барои мардум ва (ҳамчунин) барои муайян намудани вақти ҳаҷ мебошанд»**.[1]

Дар ояти панҷуми сураи «Юнус» низ омадааст, ки **«Худованд (гардиши) моҳро ба сурати манозил (ва бурҷҳо) муайян намуд, то (аз тариқи он) шумораи солҳо ва ҳисобро дарёбед»** Худованд яке аз ҳикматҳои дигаргуншавии қурси моҳ ва дар мадор ва бурҷҳои муайян ҳаракат кардани онро донистани ҳисоби солҳо ва таърихи моҳҳо гуфтааст. Аз дидгоҳи шариат анҷом додани баъзе фароизи динӣ, ба монанди закот, рӯза ва ҳаҷ танҳо ба ҳисоби моҳҳои моҳтобӣ (қамарӣ) воҷиб мебошад ва дар дигар муомилот ва ибодатҳо низ ҳисоби моҳтобӣ афзал мебошад, ҳарчанд ислом солшумории офтобиро низ рад накардааст.

Дар ояти 12-уми сураи «Исро» гардиши офтобро низ яке аз асосҳои солшуморӣ ва ҳисоби моҳҳо донистааст, он ҷо ки мефармояд: **«Нишонаи шабро маҳв ва нишонаи рӯзро барои дидан гардонидем, то фазли Худоро (дар он) ҷустуҷӯ намоед ва (аз тариқи он) шумораи солҳо ва ҳисобро дарёбед».** Аз ин оят бармеояд, ки аз низоми гардиши офтоб низ дарёфтани ҳисоби солҳо ва муъайян намудани таърихҳо имкон дорад, вале аз он ҷо, ки шахси мусулмон зиндагонии худро бар асоси арзишҳои исломӣ тарҳрезӣ менамояд ва бисёре аз ибодатҳо бар пояи солшумории моҳтобӣ асос ёфтаанд, ҳисоби моҳтобӣ барои онҳо бартар мебошад.[2]

---

[1] Сураи Бақара, 2: 189.

[2] Ин ду порча аз «Тафсири Навини Қуръони карим», тафсири ояти 189 иқтибос гардидааст.

Ҳамин тарв Худованд фаризаи ҳаҷ, рӯзаи моҳи Рамазон ва закотро бар асоси солшумории қамарӣ муқаррар намудааст, ки он аз солшумории шамсӣ (офтобӣ) ёздаҳ рӯз фарқ мекунад, яъне ёздаҳ рӯз кам мебошад ва ҳар сол ёздаҳ рӯз пештар меояд. Вақте шахсе мас., пардохти закоти худро дар моҳи Рамазон шурӯъ намояд, соли оянда низ бояд онро дар моҳи Рамазон, ки ёздаҳ рӯз пеш меояд, пардохт намояд.

Бинобар ин, ҳар чорабинӣ ва коре, ки тобеи ин ибодатҳо мебошад ё ба дунболи онҳо анҷом дода мешавад, ба ҳамин сурат дар тӯли сол гардиш мехӯрад ва ҳар сол ёздаҳ рӯз пештар анҷом дода мешавад, ба монанди иди Рамазон, намози ид, садақаи Фитр, ки дар поёни моҳи Рамазон ва дар рӯзи ид пардохта мешавад, иди Қурбон ва қурбонӣ, ки дар рӯзи даҳуми моҳи зулҳиҷҷа ва дар аснои фаризаи ҳаҷ фаро мерасад.

Пас солшумории қамарӣ иртиботи ногусастание ба арзишҳо ва аҳкоми амалии дини ислом дорад ва аз ҷумлаи мутааллиқоти хосси он мебошад.

Фасли шашум

САДАҚАИ ФИТР

Пас аз поён ёфтани моҳи мубораки Рамазон, яъне дар рӯзи иди Фитр, шахси мусулмон бояд миқдоре аз моли худро ба унвони ***«садақаи Фитр»*** ба фақир ё мискин бидиҳад.

Садақаи Фитр сабаби погизагии нафси инсон аз баъзе беҳудагиҳо ва ҳарзагӯиҳое мебошад, ки имкон дорад гоҳо рӯзадорон дар моҳи Рамазон ба он олуда шуда бошанд. Ҳамчунин, камбағалон ва қишри ниёзманди ҷомеа лоақал дар рӯзҳои ид аз хӯрок ва эҳтиёҷоти муносибе баҳраманд мегарданд.

Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки *«Расули Худо (с) закоти Фитрро барои пок гардидани рӯзадор аз беҳудагӣ, бадсуханӣ ва ҳамчунин барои фароҳам гардидани ғизои муносибе барои ниёзмандон воҷиб гардонидааст. Касе онро пеш аз намоз(-и ид) адо намояд, он закоти пазируфташуда аст ва касе онро баъд аз намоз адо намояд, он садақае аз садақот мебошад».*[1]

ЧӢ КАСЕ САДАҚАИ ФИТРРО МЕПАРДОЗАД?

Пардохти садақаи Фитр бар ҳар касе, ки дорои шароити зерин бошад, фарз аст:

1. Мусулмон бошад.

2. Озод бошад.

3. Соҳиби нисоб бошад (ба ғайр аз махорич и мавриди ниёз). Яъне шахсе ба он андоза молу сарват дошта бошад, ки баровардани закот бар вай воҷиб гашта бошад ва ё агар чунин набуда, илова бар эҳтиёҷот ва заруриёти зиндагӣ ва рӯзмарраи худ, чандон васоил дар ихтиёр ва мулки хеш дошта бошад, ки арзиши онҳо баробари саду чиҳил мисқол нуқра бошад. Бар чунин шахсе садақаи Фитр воҷиб мебошад, хоҳ моли тиҷорат бошанд, ё не, сол бар вай гузашта бошад, ё не.

– Шахсе дорои хона ё васоиле аст, ки агар фурӯхта ва ё нархгузорӣ шаванд, арзиши онҳо зиёд аст, вале худаш ба онҳо ниёз дорад, то аз иҷораи онҳо зиндагияшро таъмин намояд ва васоил низ мавриди эҳтиёҷи худаш ҳаст, бар чунин шахсе садақаи Фитр лозим намешавад. Аммо агар ду манзил дошта бошад ва якеро ба иҷора диҳад, ҳарчанд заруриёти зиндагии худро аз даромади иҷораи он бароварда созад ҳам, садақаи Фитр бар вай воҷиб мешавад, зеро хонаи дуюм изофа бар заруриёти зиндагияш ба шумор меояд.

– Шахсе дорои васоил ва хонаи изофа бар зарурияти рӯзмарраш бошад ва дар айни ҳол қарздор ҳам бошад, дар ин сурат баъд аз канор гузоштани ҳиссаи қарз, агар ба андозаи закот боқӣ бимонад, садақаи Фитр бар вай воҷиб мешавад.

– Садақаи Фитр баъд аз дамидани субҳи рӯзи ид воҷиб мешавад. Бинобар ин, агар шахсе пеш аз дамидани субҳ даргузарад ё баъд аз дамидани субҳ ба дунё ояд, садақаи Фитр бар он ду воҷиб намешавад. Тифле пеш аз дамидани субҳ ба дунё ояд, дар сурате ки падараш дорои шароити закот бошад, бар вай лозим аст, ки аз тарафи тифлаш садақаи Фитр бидиҳад.

– Садақаи Фитрро аз тарафи худаш, фарзандони хурдсолаш ва хидматгоронаш, ҳарчанд кофир бошанд ҳам, мепардозад. Зан бояд худаш садақаи Фитрашро бидиҳад, вале агар шавҳараш аз ҷониби вай онро пардохт намояд, ҷоиз аст. Фарзандони хурдсол низ, агар дорои молу сарват бошанд, садақаи Фитр аз моли худашон дода мешавад.

МИҚДОРИ САДАҚАИ ФИТР

Миқдори садақаи Фитр барои ҳар нафар дар ҳисоби гандум ва орди гандум ним соъ ва дар ҳисоби ҷав, хурмо ва монанди онҳо як соъ аст.

[1] Сунани Абудовуд, 1609; Сунани Ибни Моҷа, 1827.

Агар пули (арзиши) яке аз ҷинсҳои мазкурро барои садақаи Фитр бипардозад ҳам, кофӣ аст.

Як соъи набавӣ тақрибан ба ду килову чил (2,40) ва ё ду килову яксаду панҷоҳу шаш (2,156) грамм баробар аст.[1]

ВАҚТИ ПАРДОХТИ САДАҚАИ ФИТР

Садақаи Фитр бо дамидани субҳи рӯзи иди Фитр воҷиб мегардад ва мустаҳаб аст, ки пеш аз рафтан ба намозгоҳ пардохта шавад. Нофеъ аз Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят мекунад, ки *«Расули Худо (с) моро ба пардохтани закоти Фитр пеш аз баромадани мардум ба намоз амр намуд. Ва худи Абдуллоҳ як ё ду рӯз пеш аз ид онро пардохт мекард»*.[2]

Агар қабл аз рӯзи иди Фитр онро пардохт намояд, ҷоиз аст ва агар онро аз рӯзи ид ба таъхир андозад, аз зиммааш соқит намешавад. Ҳатман, онро бояд пардохт намояд.

Садақаи Фитр бар ҳама, хоҳ рӯза гирифта бошад, ё нагирифта бошад, воҷиб аст. Мустаҳиққони садақаи Фитр ҳамон шахсони мустаҳиққи закот ҳастанд, яъне ба ҳар касе закот дода мешуд, садақаи Фитр низ ба ҳамонҳо дода мешавад.

Барои огоҳии бештар дар бораи масоил ва аҳкоми закот ва ҳамин тавр мутолиаи муфассали фалсафаи он, лутфан, ба китоби «Закот ва ҷойгоҳи он дар низоми ислом» таълифи худи муаллиф муроҷиат намоед!

[1] Миқдори соъи набавӣ ба вазнҳои имрӯза дар поварақии сах 385, 386 марбут ба «Закоти зироат ва меваҷот» ба тафсил баён гардидааст.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1503, 1509; Саҳеҳи Муслим, 2285 (986)-22, 23; Сунани Абудовуд, 1610, 1612; Сунани Тирмизӣ, 677; Сунани Насоӣ, 2520.

Бахши чаҳорум

КИТОБИ РӮЗА

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ
ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى
ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ

**«Эй касоне, ки имон овардаед,
рӯза бар шумо фарз гардонида шуд,
ҳамон гуна ки бар пешгузаштагони аз
шумо фарз гардида буд, то тақво намоед»**
(Сураи Бақара, 2:183).



Фасли аввал

РӮЗА

Мекунад рӯза[1] дилро мунҷалӣ,
З-он сабаб фармуд Ҳақ «ассавму лӣ».[2]
Дардмандонро давои беғаш аст,
Бар гунаҳкорон сипар аз оташ аст.[3]
Рӯзадоронрост музди бешумор,
Кас надонад ғайри зоти Кирдгор!
(Ҷавҳарӣ)

Яке дигар аз фароиз ва барномаҳои солонаи ислом барои худсозии инсонҳо «рӯза» аст ва рӯза он аст, ки ҳар мусулмони болиғ ва оқил ҳатман бояд аз дамидани субҳи содиқ то ғуруби офтоб бо нияти итоати фармони Худованд аз бархе корҳо, ки шарҳашон хоҳад омад, худдорӣ намояд.

Паёмбари акрам (с) фармудаанд, ки ***«Ҳар кас рӯзаи моҳи Рамазонро хос барои хушнудӣ ва ризои Парвардигор ва бо мақсади ба даст овардани аҷру савоб бигирад, тамоми гуноҳони гузаштааш бахшида мешаванд».***[4] Ҳамчунин фармудаанд, ки ***«Бӯи даҳони рӯзадор дар пешгоҳи Парвардигор дар рӯзи қиёмат аз бӯи мушку анбар маҳбубтар аст».***[5]

Аз баъзе аҳли салаф омадааст: *«Рӯзи қиёмат барои рӯзадорон суфрае густарда мешавад ва эшон аз он тановул мефармоянд, яъне мехӯранду менӯшанд, дар ҳоле ки дигарон дар интизори ҳисобу китоби худ ҳастанд. Онҳо мепурсанд, ки ин тоифа киёнанд, ки аз суфраи ҷаннат тановул мефармоянд ва мо ҳанӯз дар интизор ба сар мебарем? Нидо мерасад, ки инҳо рӯзадорони барои Худо ҳастанд, дар сурате ки шумо рӯзаро мехӯрдед!».*[6]

---

[1] Рӯзаи моҳи Рамазон соли дуюми ҳиҷрӣ – 17-18 моҳ пас аз ҳиҷрат ва як моҳ пас аз таҳвили Қибла дар моҳи шаъбон фарз гардидааст ва аввалин Рамазоне, ки мусулмонон рӯза доштаанд, ба рӯзи якшанбе – аввали моҳи Рамазони ҳамон сол, мувофиқ ба бисту шашуми феврали соли 624 милодӣ рост меомад. Паёмбари акрам (с) бо иҷмои уламо ва таъйиди тамоми ривоёт нуҳ сол рӯзаи моҳи мубораки Рамазонро гирифтааст. Ибни Масъуд (рз) мефармояд: *«Рӯзае, ки ҳамроҳи паёмбар (с) бисту нуҳ рӯзӣ гирифтам, бештар аз рӯзае буд, ки онро сӣ рӯз гирифтем»* (Сунани Абудовуд, 2322; Сунани Тирмизӣ, 689). Ба қавле, панҷ соли он бисту нуҳ рӯзӣ ва чаҳор соли он сӣ рӯзӣ будааст ва Ибни Ҳаҷар мефармояд: Баъзе ҳуффоз (-и ҳадис) гуфтаанд: *«Расули Худо (с) нуҳ сол рӯза дошта, ки танҳо ду рамазони он сӣ рӯзӣ будаанд»* (Туҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 420–421; Мирқоту-л-мафотеҳ, шарҳу Мишкоти-л-масобеҳ. – Ҷ. 4. – С. 476, дар шарҳи ҳадиси 1972).

Нузули ваҳйи илоҳӣ ва ҳамин тавр рисолати паёмбари ислом (с) 13 сол пеш аз ҳиҷрат шаби бисту ҳафтуми моҳи Рамазон рӯзи душанбе, ки ба 19-уми августи соли 610 милодӣ рост меомад, оғоз шудааст. Ин таърих бар асоси солшуморӣ ва сабти ҳаводиси таърихӣ назди арабҳо дар даврони ҷоҳилият ба соли 41-уми ҳодисаи фил мутобиқ буд.

[2] Ишора ба ҳадиси қудсие аст, ки Паёмбари акрам (с) дар бахше аз он мефармояд: ***«…Худованд гуфт: Магар рӯза, ки он барои Ман аст ва Ман подоши онро хоҳам дод, зеро рӯзадор шаҳвату таомашро барои Ман тарк намудааст…»*** (Саҳеҳи Муслим, 2701 (1151)-164).

[3] Ишора ба ҳадиси қудсии дигаре аст, ки Паёмбар (с) дар қисмате аз он мефармояд: ***«…Рӯза сипарест аз оташи дӯзах…»*** (Сунани Тирмизӣ, 764).

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 38; Сунани Насоӣ, 2204; Сунани Ибни Моҷа, 1641.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1894, 1904, 5927, 7492, 7538; Сунани Абудовуд, 2363.

[6] Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Аҳмад ибни Раҷаби Ҳанбалӣ, Латоифу-л-маориф. Ҷ. 1. – С. 176.

Худованд рӯзаро ҳамон гуна ки бар уммат-ҳои пеш аз ислом фарз гардонида буд, онро бар уммати ҳазрати Муҳаммад (с) низ фарз гардонидааст, он ҷо, ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ

كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед! Рӯза (-и моҳи Рамазон) бар шумо фарз гардонида шуд, ҳамон гуна ки бар онҳое, ки пеш аз шумо гузаштаанд, фарз гардида буд, то парҳезгор шавед».[1]

Рӯза рӯзи душанбе, дуюми моҳи шаъбони солӣ дуюми ҳиҷрат фарз гардидааст.

ФОИДАҲОИ РӮЗА

Барбанд даҳон аз нон, к-омад шакари рӯза,
Дидӣ ҳунари хӯрдан, бингар ҳунари рӯза!
Гар рӯза зарар дорад, сад гуна ҳунар дорад,
Савдои дигар дорад савдои сари рӯза.
Борик кунад гардан, эман кунад аз мурдан,
Тухма[2] *асари хӯрдан, мастӣ асари рӯза!*
(Мавлоно)

Рӯза дорои фоидаҳои маънавӣ, ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии зиёде мебошад, аз ҷумла рӯза:

а) Инсонро дар мактаби (озмоишгоҳи) сабру шикебоӣ ва пурбардоштӣ тарбият менамояд.

б) Хештандорӣ ва равиши худидоракуниро ба инсон омӯзиш медиҳад.

в) Назму ҳамоҳангиро дар миёни мардуми мусулмон густариш медиҳад.

г) Ишқу дилбастагӣ ба адолат ва баробариро дар вуҷуди инсон решадор месозад.

ғ) Отифаи меҳрубонию дилсӯзӣ ва эҳсоси масъулиятро дар ботини одам бедор месозад.

д) Шарру фасод ва разоили ахлоқиро дар миёни мардум коҳиш медиҳад.

е) Дастгоҳи гувориш (меъда)-ро полоиш ва покиза менамояд.

ё) Баданро аз зиёдатиҳои бозмонда ва русуботи таҳшингашта, ки аз боқимондаҳои хӯрокӣ ва ошомиданӣ ба вуҷуд меоянд, пок мегардонад.

ж) Фарбеҳии зиёди бадан ва чарбиҳои таркиби онро коҳиш медиҳад. Расули Худо (с) фармудааст: ***«Рӯза бигиред, то саломатиатон барқарор шавад (ва боқӣ бимонад)»***.[3]

з) Аз ҳама муҳимтар хислати парҳезгорӣ ва поку нек зистанро дар инсон тақвият медиҳад, ки муҳимтарин ҳадафи ибодатҳои илоҳӣ низ ҳамин мебошад.

Рӯза бар ҷуъу аташ шабхун занад,
Хайбари танпарвариро бишканад!
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт)

АҲКОМИ РӮЗА

Барои ошноӣ бо аҳкоми рӯза аввал бояд қисмҳои онро бишиносем. Рӯза панҷ навъ мешавад:

1. Фарз. **2.** Воҷиб. **3.** Нафл. **4.** Макрӯҳ. **5.** Ҳаром.

РӮЗАИ ФАРЗӢ

1. Рӯзаи моҳи мубораки Рамазон.

РӮЗАИ ВОҶИБ

Ин рӯзаҳо воҷиб мебошанд:

1. Рӯзаи қазо.

2. Рӯзаи каффорат, ба монанди каффорати қасам, каффорати ифсоди рӯза, каффорати зиҳор[4] ва каффорати қатл.

3. Рӯзае, ки ба сабаби назр воҷиб мегардад. Рӯзаи назр ё муайян аст ё мутлақ (номуайян). Рӯзаи назри муайян ба монанди он аст, ки касе назр бикунад, ки ман дар фалон рӯзи муайян барои ризои Худованд рӯза мегирам. Рӯзаи назри мутлақ ба монанди он аст, ки назр намояд, ки

---

[1] Сураи Бақара, 2:183.

[2] Суи ҳазм, гирифтагии меъда аз пурхӯрӣ; туршшавии меъда ба сабаби бадгувории он аз рӯи пурхӯрӣ.

[3] Муъҷаму-л-авсат, 8312. Ҷ. 8. – С. 213. Ибни Синнӣ ва Абунуъайм низ онро дар китоби «Тиб» бо исноди заъиф ривоят кардаанд.

[4] Зиҳор он аст, ки марде пушт ё узве аз узвҳои ҳамсараш (ки дар бобҳои фиқҳ зикр шуда ва бо онҳо зиҳор таҳаққуқ меёбад)-ро ба пушт ё узве аз маҳрамҳояш, ба мисли модар, ҳамшира ва ғ. ташбеҳ намояд ва ба вай бигӯяд: «Ту ба мисли пушти ҳамшира ё модарам ҳастӣ». Зиҳор бар асоси аҳкоми фиқҳӣ навъе қасам аст, ки шахс ба василаи он ҳамсарашро бар худ ҳаром мегардонад.

ман ба хотири ризои Худованди мутаъол рӯза мегирам ва рӯзи муайянеро мушаххас насозад.

РӮЗАҲОИ НАФЛ

Рӯзаи нафл аз шарифтарин аъмол ва беҳтарин қурбатҳои мандубе ба шумор меравад, ки дар таълимоти шариъ ба он тарғиб шудааст. Ин навъ рӯза дар тамоми айёми сол, ба ҷуз рӯзҳои ҳаром, ҷоиз аст, вале истеҳбоби он дар айёми фозила, ки баъзе аз он соле як бор, баъзе дар ҳар моҳ ва баъзе дар ҳар ҳафта такрор меёбанд ва дар суннати набавӣ ба онҳо таъкиди бештаре шудааст, зиёдтар аст:

1. Ҳар сол пас аз айёми моҳи шарифи Рамазон, ки рӯзаи онҳо фарз аст, рӯзҳои арафа, ошуро, шаш рӯзе аз моҳи шаввол, даҳаи аввали моҳи зулҳиҷҷа, даҳ рӯзи аввали моҳи муҳаррам, ҳамаи моҳҳои ҳаром ва рӯзҳои душанбе ва панҷшанбеи ҳар ҳафта аз айёми фозила ба шумор рафта, беҳтарин ва аз пурбортарин вақтҳо барои рӯзаи нафлӣ мебошанд.

Рӯзаи рӯзи Арафа (нуҳуми зулҳиҷҷа), ки аз ин рӯзҳост, барои ғайри ҳоҷӣ онҳое, ки дар он рӯз муқим ҳастанд, мустаҳаб аст ва барои шахси ҳаҷгузор муносиб ба ҳолаш хӯрдани он беҳтар аст, то зиёд беҳол (заъиф) нагардад ва барои вуқуф дар Арафот ва анҷоми дигар сунан ва мустаҳабботи мавҷуд дар он неруи кофӣ дошта бошад.

Дар рӯзҳои нуҳум ва даҳуми моҳи муҳаррам, ки ба тосуо ва ошуро маъруфанд, рӯза доштан мустаҳаб аст.

Шаш рӯзи моҳи шаввол низ аз чунин айёми фозила дар сол ҳастанд, ки рӯза доштан дар онҳо савоб ва баракате фаровон дорад ва он пас аз гузаштани рӯзи аввали моҳи шаввол, ки рӯзи ид ва рӯза доштан дар он ҳаром аст, оғоз меёбад.

Дар моҳи шаъбон, ба хусус рӯзи понздаҳум – нимаи он рӯза доштан савоб ва фазилати бисёр дорад. Аз Уммулмуъминин Оиша (рз) ривоят шуда, ки фармуд: ***«Расули Худо (с)-ро дар ҳеҷ моҳе бештар аз моҳи шаъбон рӯзадор надидам»***[1] ва дар ривояти дигар мефармояд: ***«Маҳбубтарини моҳҳо назди расули Худо (с) барои рӯза доштан шаъбон буд, балки (рӯзаи) онро (гоҳе) ба Рамазон мепайваст»***;[2]

2. Он айёми фозилае, ки ҳар моҳ такрор меёбанд, аз рӯзҳои аввал, миёна ва охири он иборатанд, ба хусус се рӯзи миёнаи он – рӯзҳои сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми ҳар моҳ, ки ба онҳо рӯзҳои биз – сафед гуфта мешавад ва рӯза доштан дар онҳо бисёр фазилат дорад;

3. Он авқоти шарифае, ки ҳар ҳафта барои банда даст медиҳанд, иборатанд аз рӯзҳои душанбе, панҷшанбе ва назди баъзеҳо ҷумъаи ҳар ҳафта, ки рӯза доштан ва афзудан ба корҳо ва талошҳҳои хайр дар онҳо ачри зиёд дорад.

ШАШ РӮЗЕ АЗ МОҲИ ШАВВОЛ

Паёмбари акрам (с) ба рӯза доштани шаш рӯзи моҳи шаввол зиёд тавсия намудааст. Албатта, рӯза доштани он фарз ва ҳатмӣ намебошад, вале барои инсон ачру савоб ва фоидаҳои фаровонеро ба ҳамроҳ дорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе моҳи Рамазонро рӯза дорад ва пас аз он шаш рӯзи шавволро низ ба он тобеъ намояд, он ба мисли рӯзаи даҳр (тамоми умр) бошад»***.[3] Аз Савбон (рз) низ ривоят шуда, ки он ҳазрат (с) фармуд: ***«Рӯзаи моҳ (-и Рамазон) ба даҳ моҳ ва (рӯзаи) шаш рӯзи баъди он ба ду моҳ (баробар аст) ва ин тамоми сол бошад»***.[4]

Назди ҷумҳури фуқаҳои моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ рӯза доштани шаш рӯзе аз шаввол суннат ва назди мутааххирини ҳанафӣ мустаҳаб аст. Дар баъзе матнҳои фиқҳи ҳанафӣ, ба монанди «ат-Таҳтовӣ ала-д-Дурри-л-мухтор» ба нақл аз «Қӯҳистонӣ» кароҳияти мутлақ (паёпай ва ҷудо аз ҳам)-и рӯза доштани он аз Абуҳанифа (рҳ) ва кароҳияти паёпай рӯза доштани он шаш рӯз аз Абуюсуф (рҳ) ривоят шуда,[5] ки соҳиби «Ҳидоя» дар «ат-Таҷнис»

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1969, 1970; Саҳеҳи Муслим, 2714–2716 (000–782)-175–177.

[2] Сунани Насоӣ, 2350.

[3] Саҳеҳи Муслим, 2750 (1164)-204. Сунани Абудовуд, 2433. Сунани Тирмизӣ, 759. Сунани Ибни Моҷа, 1716.

[4] Сунани Ибни Моҷа, 1715; Сунани Доримӣ, 1755. Дар ривояти Ибни Моҷа омадааст: ***«Касе шаш рӯзи баъд аз (иди) Фитрро рӯза дорад, он тамоми сол бошад.*** **Касе ҳасана ва некие ба ҷой оварад, барояш даҳ баробари он бошад»** (Анфол, 6:160).

[5] Ҳошияту-т-Таҳтовӣ ала-д-Дурри-л-мухтор, шарҳу Танвири-л-абсор фӣ мазҳаби-л-имом Абиҳанифата (рҳ). – Ҷ. 1. – С. 470. – Миср: Булоқ, 1382 ҳ.

онро ба ҳолати эмин набудан аз ин ки аз Рамазон шумурда шавад, ҳамл карда[1] ва Косонӣ дар «Бадоеъ» маҳалли кароҳиятро дар қавли Имом (рҳ) аз рӯзаи рӯзи Фитр бо панҷ рӯзи баъд аз он эътибор кардааст, вале агар рӯзи ид ифтор ва пас аз он шаш рӯз рӯза дорад, он на макрӯҳ, балки мустаҳаб ва суннат аст.[2] Соҳиби «Радд» ба нақл аз рисолаи «Таҳриру-л-ақвол фи савми-с-ситти мин шаввол» асари аллома Қосим нисбати кароҳияти мутлақро ба Абуҳанифа (рҳ) рад ва онро ривояти ғайри усули мазҳаб гуфтааст.[3]

Уламоро ихтилоф аст дар ин, ки он шаш рӯз аз аввали моҳ, бевосита пас аз рӯзи ид ва паёпай рӯза дошта шаванд ё каме баъдтар ва нопаёпай. Назди шофеъиён ва баъзе ҳанбалиён паёпай ва бевосита пас аз рӯзи ид рӯза доштани он афзал аст, назди оммаи ҳанбалиён ҳар ду ҷоиз, назди моликиён паёпай ва бо Рамазон пайваста рӯза доштани он кароҳият дорад, вале ба ҷой овардани он баъдтар ва дар фурсатҳои дигар, ҳатто дар моҳҳои дигар ҷоиз бошад. Назди аиммаи ҳанафӣ доираи амал ба он васеъ аст, паёпай доштани он пас аз рӯзи фитр боке надорад ва он ба таҳқиқи ибораи «атбаъа – тобеъ созад», ки дар ҳадис омадааст, наздиктар ва ҳамсозтар бошад, вале ҷудо аз ҳам ва низ дар фурсати баъдтаре дар он моҳ ва ба гуфтаи баъзе фақеҳон, ду рӯзӣ рӯза доштани он дар ҳар ҳафтае аз моҳи шаввол беҳтар аст.[4] Ин баёни масъала барои кишварҳое, ки рӯзҳои аввали моҳ – рӯзҳои ид дар онҳо ба муносибатҳо, барномаҳо ва маҳфилҳои идона бахшида мешаванд, хеле муносиб аст, аҳли қурбат ва мардуми фазилатхоҳ метавонанд баъдтар ҳам шаш рӯзе аз он моҳро рӯза доранд.

[1] Соҳиби «Ҳидоя» дар «ат-Тачнис» оварда: баъзеҳо паёпай рӯза доштани шаш рӯз пас аз фитрро макрӯҳ донистаанд, вале мухтор он аст, ки боке надорад, зеро кароҳият (-и мазкур) ба он ҷиҳат буд, ки дар шумурдани он аз Рамазон эмин набуда ва ташаббуҳ ба насоро мешуд, ҳоло бошад, он маъно аз байн рафта. Дар китобҳои «ан-Навозил»-и Абуллайс, «ал-Воқеот»-и Ҳусоми Шаҳид, «ал-Муҳиту-л-бурҳонӣ» ва «аз-Захира» низ мисли ин омадааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С.485).

[2] Бадоеъуссаноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. – Ҷ. 2. – С. 562.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С.485–486.

[4] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 28. – С. 92–93.

СЕ РЎЗЕ АЗ ҲАР МОҲ

Расули Худо (с) ба рӯза доштани се рӯз аз ҳар моҳ низ тавсияҳои зиёде намудааст ва хуб мешавад, ки он се рӯз рӯзҳои сафед, яъне рӯзҳое бошанд, ки моҳ пур мегардад. Он рӯзҳо сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми ҳар моҳ мебошанд. Абуҳурайра (рз) мефармояд: ***«Паёмбар (с) се чизро ба ман аҳд ниҳод: Ин ки намози витрро нохонда нахобам, се рӯзе аз ҳар моҳро рӯза дорам ва намози чоштро бигузорам»***.[5]

Абузар (рз) мегӯяд: Расули Худо (с) фармуд: ***«Эй Абузар, агар ҳар моҳе се рӯз рӯза гирифтӣ, пас рӯзҳои сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳумро рӯза бидор!»***.[6] Вале шарт нест, ки он се рӯз айнан ҳамон рӯзҳои миёнаи моҳ бошанд, балки дар дигар вақтҳо низ ҷоиз мебошад. Муъозаи Адавӣ аз Оиша (рз) пурсид, ки ***«Оё Расули Худо (с) ҳар моҳ се рӯз рӯза медошт? Гуфт: Оре. Боз пурсид, ки: Кадом рӯзҳои моҳро рӯза медошт? Гуфт: Фарқе намекард, ки кадом рӯзҳояшро рӯза медошт»***.[7]

РЎЗА ДАР ВАҚТҲОИ ДИГАР

Расули Худо (с) ба рӯза доштан дар моҳи муҳаррам низ тавсия намудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Беҳтарин рӯза пас аз моҳи Рамазон рӯзаи моҳи муҳаррам (муқаддас)-и Худо аст».***[8] Агар он ба рӯзҳои нуҳум ва даҳуми моҳи муҳаррам мутобиқ ояд, беҳтар мебошад, зеро паёмбар (с) дар ин рӯзҳо рӯза медошт. Рӯзи даҳуми муҳаррамро рӯзи ошуро мегӯянд.

Он ҳазрат (с) рӯза доштани рӯзҳои душанбе ва панҷшанбеи ҳар ҳафтаро низ бисёр дӯст медошт. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки ***«Паёмбар (с) рӯзаи рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо ихтиёр мекард»***.[9] Дар ривояти дигар омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Аъмоли бандагон рӯзҳои душанбе ва панҷшанде арза (ва ба***

[5] Сунани Тирмизӣ, 760.

[6] Сунани Тирмизӣ, 761. Сунани Насоӣ, 2421.

[7] Саҳеҳи Муслим, 2736 (1160)-194. Сунани Абудовуд, 2453. Сунани Тирмизӣ, 763. Сунани Ибни Моҷа, 1709.

[8] Саҳеҳи Муслим, 2747 (1163)-202, 2748 (1163)-203. Сунани Абудовуд, 2429. Сунани Тирмизӣ, 438, 740. Сунани Насоӣ, 1612, 1613. Сунани Ибни Моҷа, 1742.

[9] Сунани Тирмизӣ, 745. Сунани Насоӣ, 2186, 2360. Сунани Ибни Моҷа, 1649, 1739.

ҳисоб) гирифта мешаванд. Пас дӯст дорам, ки дар вақти арзи аъмолам рӯзадор бошам».[1]

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар ҳеҷ моҳе бештар аз шаъбон рӯза намедошт»***[2] ва дар ривояти дигар омадааст: ***«… Тамоми моҳи шаъбонро рӯза медошт»***.[3]

РӮЗАҲОИ МАКРӮҲ

Рӯзаи рӯзи Арафа барои ҳоҷӣ, рӯзаи рӯзи шак, рӯзаи висол[4], рӯзаи даҳр (тамоми умр) ва рӯзаи рӯзҳои ҷумъа ё шанбе ба танҳоӣ макрӯҳ мебошанд.

Рӯзи шак он рӯзест, ки даромадани моҳи Рамазон ба таври аниқ муайян нагашта ва эҳтимоли Рамазон ва шаъбон ҳар дуро дорад. Аммор ибни Ёсир (рз) мефармояд: *«Касе рӯзи шак рӯза гирад, воқеан ҳам, Абулқосим – Муҳаммад (с)-ро нофармонӣ кардааст»*.[5] Аз Абуҳурайра (рз) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Рамазонро бо доштани як ё ду рӯз рӯза пешдастӣ нанамоед, магар касе, ки қаблан рӯзадор бошад, пас вай метавонад он рӯзро рӯза бигирад»***.[6] Бар ҳамин асос рӯза доштани рӯзи шак барои одамоне, ки қаблан рӯзадор бошанд, мамнӯияте надорад, вале барои ғайри онҳо макрӯҳ мебошад.

Паёмбар (с) ҳамчунин аз рӯзаи висол наҳӣ намудааст. Рӯзаи висол он аст, ки шахсе пайваста – бе ифтор ва саҳарихӯрӣ ду рӯз ва ё чанд рӯз рӯза дорад. Паёмбар (с) баъзе авқот рӯзаи висол медошт ва саҳобагоне бо пайравӣ аз эшон рӯзаи висол доштанд.[7] Онҳоро наҳӣ кард ва фармуд: ***«Рӯзаи висол надоред!. Гуфтанд: Ту рӯзаи висол мегирӣ!? Гуфт: Ман мисли шумо нестам, балки ба ман таом ва шароб дода мешавад*** ва дар ривояте: ***Маро Парвардигорам мехӯронад ва менӯшонад»***.[8] Ва чун ибо карданд ва аз висол бознаистоданд, бо онҳо рӯзе висол кард, боз рӯзе дигар висол кард, яъне се рӯз пайваста бо онҳо рӯза дошт, он гоҳ ҳилол (моҳи нав)-ро диданд. Пас фармуд: ***«Агар дертар мекард ва ба таъхир меафтод, ҳатман шуморо меафзудам»***, ба мисли танбеҳ ва сарзаниш ба онҳо ва дар ривояте аз Муслим омадааст: ***«Агар моҳ бароям дарозтар мешуд, висоле мекардам, ки мутааммиқон*** (муташаддидон ва аҳли ғулув) ***тааммуқ*** (ташаддуд ва ғулув)***-и***

---

[1] Сунани Тирмизӣ, 747. Сунани Ибни Моҷа, 1740.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1969. Саҳеҳи Муслим, 2714 (1156)-175. Сунани Абудовуд, 2434.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1970. Саҳеҳи Муслим, 2716 (1156)-177. Дар баъзе ривоятҳои дигар омадааст, ки: ***«… Аксари моҳи шаъбонро рӯза медошт»***. Саҳеҳи Муслим, 2715 (1156)- 176.

[4] Он ҳазрат (с) дар баъзе шабҳои моҳи Рамазон висол мекард, яъне паёпай рӯза медошт, бе он ки чизе бихӯрад ва бинӯшад ва ифтор кунад ва саҳобаро аз он ба ҷиҳати раҳмату шафқат наҳӣ фармуд. (Мардоне аз) саҳоба гуфтанд: Чун ту худ висол мекунӣ, чаро моро аз он манъ мефармой, дар ҳоле ки моро ҳамеша ба мутобиат ва пайравӣ аз худ мехонӣ!? Фармуд: ***«Ман монанди яке аз шумо нестам»*** ва дар ривояте: ***«Кадом яке аз шумо мисли ман аст!? Ба дурустӣ, ки ман назди Парвардгори худ, ки парварандаи ман аст, шаб мекунам, дар ҳоле ки маро мехӯронад ва менӯшонад»*** ва дар ривояте: ***«маро хӯронанда ва нӯшонанда аст, ки маро мехӯронад ва менӯшонад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1961 ва таълиқи он, 1962–1967, 6851, 7242; Саҳеҳи Муслим, 2558–2567 (1102–1105)-55–61).

Уламоро дар (маънои) ин таом ва шароб ихтилоф аст. Баъзе гуфтаанд, ки мурод аз он таом ва шароби ҳиссӣ аст, яъне ҳар шаб аз биҳишт таом ва шароб меояд, ки (он ҳазрат (с) аз он) мехӯрад ва менӯшад ва ин мунофи (мухолиф)-и савм нест, зеро ки мӯчиби ифтор таом ва шароби дунявӣ аст. Ва баъзе гуфтаанд, ки ин ҷо мурод аз таом ва шароб қуввати рӯҳонӣ аст, ки Аллоҳ таъоло (ба вай) ифоза менамояд ва қоиммақоми акл ва шурб (хӯрдану нӯшидан) мегардад ва назди аҳли таҳқиқ мухтор он аст, ки мурод ғизои рӯҳонӣ аст, ки аз завқ ва лаззати зикр ва фаязони маорифи илоҳӣ ҳосил мешуд ва (бо он) аз ғизои ҷисмонӣ мустағнӣ (бениёз) мешуд. Аксари уламо бар онанд, ки савми висол ҷоиз нест, имом Абуҳанифа ва имом Молик бар инанд ва имом Шофеъӣ (онро) макрӯҳ фармуда ва имом Аҳмад мегӯяд, то саҳар ҷоиз аст ва ҷумҳур бар онанд, ки бар ғайри вай (с) ҳаром аст, ҳоказо фӣ «Мадоричи-н-нубувват» (Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни вал-улум. – Ҷ. 2. Зайли моддаи «савму-л-висол»).

[5] Сунани Абудовуд, 2334; Сунани Тирмизӣ, 686; Сунани Насоӣ, 2187; Сунани Ибни Моҷа, 1645. Бухорӣ онро дар Саҳеҳи худ дар таълиқи ҳадиси 1906 овардааст.

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 1914; Саҳеҳи Муслим, 2515 (1082)-21; Сунани Абудовуд, 2335; Сунани Тирмизӣ, 685.

[7] Гуфтаи Таҳонавӣ дар «Кашшоф», ки он ҳазрат (с) дар баъзе шабҳои моҳи Рамазон висол мекард, низ дуруст ва ба ҳамин маъност, зеро рӯзаи висол пайвастани рӯзаи имрӯз ба рӯзи дигар аст бе он ки ба шаб чизе бихӯрад – ифтор ва саҳарихӯрӣ намояд.

[8] Саҳеҳи Бухорӣ, 1922, 1961, 1962, 1964, 1965, 1967; Саҳеҳи Муслим, 2558–2567 (1102–1105)-55–61. Ин ҳадис аз Анас (рз), Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ва Оиша (рз) ривоят шудааст.

худро тарк мекарданд».[1]

Дар ривояти Абусаъид (рз) омадааст: ***«… Агар касе аз шумо рӯзаи висол доштан бихоҳад, пас то саҳар висол намояд»***.[2] Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки висол дар шаб барои баъзе одамон, ки тавоноӣ дошта бошанд, дар мавридҳои муайяне раво бошад, яъне бегоҳ ифтор накунанд ва то саҳар рӯзаи висол гиранд, вале аз маҷмӯи ривоятҳо бармеояд, ки рӯзаи висол дар рӯз ва ба таври мутлақ, яъне ду ва ё чанд рӯз паёпай – бе ифтор ва саҳарихӯрӣ рӯза доштан қатъан манъ аст ва он бино ба ривояти Абуҳурайра (рз) аз расули Худо (с): ***«Амалҳоро ба андозаи қувват ва тавоноии худ анҷом диҳед!»***.[3] аз тобу тавони оммаи мардум берун мебошад.

Ихтисос додани рӯзи ҷумъа ё шанбе барои рӯза кароҳият дорад, вале агар онҳо якҷоя гирифта шаванд ё рӯзи панҷшанбе бо ҷумъа гирифта шавад, боке надорад. Аз Абуҳурайра (рз) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Шаби ҷумъаро аз миёни шабҳо ба қиём (-и шаб) ва рӯзашро аз миёни рӯзҳо ба рӯза ихтисос надиҳед, магар он ки он ба рӯзе мувофиқ ояд, ки касе аз шумо онро (қаблан) рӯза медошт!»***.[4] Боз мефармояд: Паёмбар (с)-ро шунидам, ки фармуд: ***«Касе аз шумо рӯзи ҷумъаро ба танҳоӣ рӯза надорад, магар ҳамроҳ бо рӯзи қабл ё баъди он!»***.[5]

РЎЗАҲОИ ҲАРОМ

Дар панҷ рӯзи сол рӯза гирифтан ҳаром аст.

1. Рӯза гирифтан дар рӯзи иди Фитр, ки ба рӯзи аввали моҳи шаввол рост меояд.

2. Рӯза гирифтан дар рӯзи иди Қурбон, ки ба рӯзи даҳуми моҳи зулҳиҷҷа рост меояд ва рӯза гирифтан дар айёми ташриқ. Айёми ташриқ се рӯзи баъд аз иди Қурбон: рӯзҳои ёздаҳум, дувоздаҳум ва сездаҳуми зулҳиҷҷа мебошанд.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Рӯзаи нафлиро метавон муайян кард, ба ин тариқ ки бигӯяд: Рӯзаи нафлӣ мегирам ва метавон навъи онро муайян нокарда, танҳо бигӯяд, ки рӯза мегирам.

2. Агар шахс то пеш аз завол амале хилофи рӯза анҷом надода бошад, метавонад то он вақт нияти рӯзаи нафлӣ намояд.

3. Рӯзаи нафлӣ ба ният воҷиб мешавад. Бинобар ин, агар касе нияти рӯза кунад ва пас аз шурӯъ рӯзаашро бихӯрад, бояд қазои онро ба ҷо оварад.[6]

4. Агар касе шаб ният кунад, ки фардо рӯза мегирад, вале пеш аз дамидани субҳ нияти худро иваз намуда, рӯза нагирад, қазое бар вай воҷиб намешавад. Зеро ҳанӯз ба рӯза шурӯъ накардааст.

5. Бе иҷозати шавҳар зан наметавонад рӯзаи нафлӣ бигирад. Агар бе иҷозат рӯзаи нафлӣ гирад, ба дастури шавҳараш, дар сурате рӯзадориашро нахоҳад, рӯзаашро қатъ намояд ва ҳар гоҳ фурсат ёфт, қазоашро ба ҷо оварад.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1965, 6851, 7242, 7299; Саҳеҳи Муслим, 2565–2566 (1104)-59–60.

Аз ин ривоёт бармеояд, ки паёмбар (с) рӯзҳои охири моҳи Рамазон бо онҳо висол карда ва пас аз се рӯз ҳилоли моҳи шаввол, яъне ҳилоли рӯзи ид тулӯъ кардааст.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1963, 1967.

Назари баъзе уламо бо истинод ба ояти: **«Пас аз он рӯзаро то шаб ба итмом расонед!»** (Бақара, 2: 187) он аст, ки шаб аслан вақт ва зарфи замонӣ барои рӯза нест ва имсок аз хӯрдану нӯшидан дар он рӯза ба шумор намеравад, гарчи то саҳар висол намояд. Тирмизӣ дар китоби «Илал»-и худ (С. 113) ба таври мавсул ва Ибни Сакан ва дигарон дар «ас-Саҳоба»… дар ин бора ҳадисе ривоят кардаанд: ***«Худо рӯзаро ба шаб фарз нагардонидааст, пас касе (ба шаб) рӯза дорад, ранҷ кашида, вале ачре набурдааст»***. Баъзе муҳаддисон ин ҳадисро заъиф гуфта ва бо истинод ба ҳадиси ҷавози висол то саҳар рӯза доштан ба шабро ба он сурате ки дар ҳадис зикр шуда, яъне барои висол ҷоиз ва аз қурбатҳо медонанд, ки барояш ачр ҳосил мегардад, гарчи рӯзаи висол ба таври умум аз хасоиси паёмбар (с) аст. Ибни Ҳаҷар онро аз баъзе роҳҳои ривоятшудааш мавсул ва саҳеҳ дониста, вале аҳодиси муоризи онро дар ин бора, яъне аҳодиси нозир бар ҷавози висол то саҳарро саҳеҳтар гуфтааст (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 5. – С. 368–369).

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1966.

[4] Саҳеҳи Муслим, 2679 (1144)-148.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1985; Саҳеҳи Муслим, 2678 (1144)-147.

[6] Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки, *«Ман ва Ҳафса рӯзаи нафл гирифтем. (Дар ҳамин вақт) бароямон таоме оварда шуд ва иштиҳо карда, аз он хӯрдем. Пас аз он расули Худо (с) бар мо ворид шуд ва Ҳафса пешдастӣ карда, ӯро дар ин бора пурсид. Фармуд:* ***Рӯзеро ба ҷои он қазо бидоред!»*** (Сунани Тирмизӣ, 735. Имом Молик ва Насоӣ низ онро ривоят кардаанд).

ЧАНД НУКТАИ ДИГАР ДАР БОРАИ РӮЗАИ НАФЛӢ

Аз назари ислом, вақте ба хонаи шахси рӯзадор меҳмоне ояд, вай метавонад ба эҳтироми меҳмон рӯзаи нафлиашро ҳамроҳи меҳмон бихӯрад ва пас аз он дар фурсати муносибе қазои онро ба ҷой оварад. Зеро Расули Худо (с) мефармояд: ***«Рӯзадори мутатаввеъ (нафлӣ) амин ва ё амири нафси худ мебошад, агар хоҳад, рӯза медорад ва агар хоҳад, ифтор менамояд»***.[1]

Ҳамчунин вақте ба меҳмонӣ даъват шавад, бояд онро иҷобат намояд. Агар ифтор накунад, пас дар ҳаққи онҳо дуо намояд ва бигӯяд, ки: Ман рӯзадор мебошам. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо даъват шавад, бояд онро иҷобат намояд. Агар рӯзахӯр бошад, (аз таомашон) бихӯрад ва агар рӯзадор бошад, пас (дар ҳаққашон) дуо намояд»***.[2] Ҳамчунин мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо ба таоме даъват шавад, агар рӯзадор бошад, бигӯяд: Ман рӯзадорам!»***.[3]

Ҳамчунин аз он ҳазрат (с) ривоят шудааст, ки вақте ба хонаи яке аз ҳамсаронаш мерафт, мепурсид: Оё ягон хӯрдание ҳаст? Агар мегуфтанд, чизе нест, мефармуд: Набошад, ман рӯза гирифтам.[4] Бинобар ин, фақеҳон ва донишмандон мегӯянд, агар шахсе то қабл аз завол (нисфирӯзӣ) чизе нахӯрда бошад, метавонад аз ҳамон вақт ният кунад ва рӯзаи нафлӣ бигирад.

Гуфтанист, ки ибодатҳои нофила аз амалҳои солеҳ ва корҳои шаръан дӯстдошта (мустаҳаб) ба шумор мераванд. Анҷом додани онҳо барои шахс ихтиёрист ва ба ҳисси хайрхоҳӣ ва ҳиммату ҷавонмардии ӯ бастагӣ дорад, вале вақте ба анҷоми чизе аз онҳо амалан иқдом намояд, ба итмом расонидани он дар назди имом Абуҳанифа (рҳ.) бар вай ҳатмӣ ва воҷиб мегардад. Агар онро пас аз ният фосид ва ё тарк намояд, қазои он бар вай воҷиб аст. Бинобар ин, вақте ба намоз ва ё рӯзаи нафлӣ шурӯъ намояд, итмоми он бар вай воҷиб аст ва агар онро бо узре фосид ва ё тарк намояд, бояд қазои онро ба ҷой оварад.

Дар татаввуъ агар шурӯъ кунӣ,
Пас руҷӯъ аз барои ҷӯъ кунӣ,

То тавонӣ адош бояд кард,
Назди Нуъмон қазош бояд кард.

НИЯТИ РӮЗА

Рӯза аз ҷумлаи муҳимтарин ибодатҳо аст ва бояд бо нияти анҷоми фармони Худованди мутаъол ба ҷо оварда шавад. Амалҳои банда, ба хусус ибодатҳо, бе ният дар назди Худо пазируфта намешаванд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Амалҳо, бе ҳеҷ шакке, ба ниятҳо вобастаанд*** **(ва бар ҳасаби онҳо пазируфта мешаванд)»**.[5] Ният аслан ҳамон қасду ирода ва омодагии амалии инсон барои анҷоми кор мебошад, на ифодаи он бо забон.

Дар моҳи Рамазон нияти рӯзаи ҳар рӯзи он воҷиб аст, зеро ҳар рӯзи он ибодати мустақил ба шумор меравад ва ба таври умумӣ нияти рӯзаи як моҳ кифоя намекунад. Агар аз аввали моҳи Рамазон нияти рӯзаи тамоми моҳро намояд, хуб аст, вале он танҳо барои рӯзи аввал дуруст мегардад ва бояд барои рӯзҳои дигар аз нав ният намояд. Саҳарӣ хӯрдан дар моҳи Рамазон ният ба шумор меравад.

Шарт нест, ки нияти рӯзаро бо забон бигӯяд, балки ҳамин қадар қасд кунад, ки барои анҷоми дастури Худованди мутаъол аз дамида-

[1] Сунани Тирмизӣ, 732. Уммиҳониъ (рз), ровии ҳадис мефармояд: *«Расули Худо (с) ба хонаам омад ва нӯшокие хост. Пас аз нӯшидан онро ба ман дод ва ман низ (аз фазли он) нӯшидам. Он гоҳ гуфтам: Эй расули Худо (с), ман рӯзадор будам. Расули Худо (с) дар ҷавоб фармуд:* ***Рӯзадори мутатаввеъ…»***.

[2] Сунани Абудовуд, 2460. Сунани Тирмизӣ, 780. Ҳадисро аз Абуҳурайра (рз) ривоят кардаанд.

[3] Саҳеҳи Муслим, 2696 (1150)-159. Сунани Абудовуд, 2461. Сунани Тирмизӣ, 781. Ҳадисро аз Абуҳурайра (рз) ривоят кардаанд.

[4] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Оиша (рз) дар он мефармояд: ***«Паёмбар (с) ба наздам меомад ва мегуфт: Оё дар наздат хӯрдание ҳаст? Агар мегуфтам: Не, мегуфт: Набошад, ман рӯза гирифтам. Рӯзе ба наздам омад. Гуфтам: Таоме ба мо ҳадя шудааст. Пурсид: Чист? Гуфтам: Ҳайс (номи таоме) мебошад. Фармуд: Ман имрӯз рӯза гирифта будам. Он гоҳ (аз он таом) хӯрд»*** (Саҳеҳи Муслим, 2707 (1154)-169. Сунани Абудовуд, 2455. Сунани Тирмизӣ, 733, 734.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1, 54. Саҳеҳи Муслим, 4904 (1907)-156. Сунани Абудовуд, 2201. Сунани Тирмизӣ, 1647. Сунани Насоӣ, 75. Сунани Ибни Моҷа, 4227.

ни субҳ то нишастани офтоб коре, ки рӯзаро фосид мекунад, анҷом намедиҳад, кофӣ аст. Нияти рӯза ду шарти дигар низ дорад: а) шабона пеш аз дамидани субҳ баста шавад, б) навъи рӯза дар он муайян карда шавад. Ин ду шарт дар рӯзаи моҳи мубораки Рамазон, рӯзаи назри муайян ва рӯзаи нафл аз ҷумлаи шартҳои сиҳҳати рӯза дониста нашудаанд, балки шарти камол ба шумор мераванд. Пас ҳамон гуна ки шахс метавонад дар шаб барои фардои он нияти рӯза кунад, ҳамчунин пас аз дамидани субҳ то пеш аз завол (нисфирӯзӣ) агар чизе нахӯрда бошад, метавонад нияти рӯза намояд.

Дар рӯзаҳои қазо, назри мутлақ (номуайян) ва каффоратҳо ба ҷой овардани ҳар ду шарт ба вақти ният воҷиб мебошад, бинобар ин, бояд ҳар шаб барои фардои он ният намояд ва навъи рӯзаро дар нияташ муайян созад, мас., дар рӯзаҳои қазо ният кунад: **«Ман қазои фалон рӯзаро мегирам».** Аммо дар рӯзаи моҳи мубораки Рамазон, рӯзаи назри муайян ва рӯзаи нафл шарт нест, ки навъи он дар ният муайян сохта шавад, зеро он табиатан муайян мебошад.

Агар шахсе тамоми рӯз аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ бозистад, лекин нияти рӯза надошта бошад, рӯзадор ба шумор намеравад. Зеро ният, ки шарти дуруст гардидани аъмол аст, дар ин ҳолат таҳаққуқ наёфтааст.

Давомнокии ният низ барои дуруст гардидани рӯза шарт аст, агар шабона нияти рӯза кунад ва пеш аз дамидани субҳ аз нияташ баргардад, руҷӯъаш саҳеҳ аст ва рӯзадор ба шумор намеравад. Аммо агар рӯзона пас аз дамидани субҳ аз нияташ баргардад ва ё нияти ифтор намояд, нияти рӯзааш ботил намешавад ва то амалан онро бо хӯрдан, нӯшидан ё амали хилофи дигаре фосид насозад, рӯзааш ҳамчунон боқӣ ва дуруст аст. Ният то вақте ба амал напайваста бошад, имкони тағири он вуҷуд дорад, вале вақте ба амал пайваст, тағйири ният дар он зоҳиран таъсире надорад, зеро амалҳои ибодатӣ танҳо бо иқдоми амалӣ ботил мешаванд.

Касе назр намояд, ки агар фалон корам дуруст шавад, барои Худо ду рӯз рӯза мегирам, баъд аз он кораш анҷом гирифт ва дар моҳи Рамазон ба унвони вафои ба назр нияти рӯзаи назрӣ намуд, рӯзаи Рамазон адо меёбад, на он чи ният кардааст.

Фарз дон ҷумла рӯзаро ният,
То биёбӣ зи рӯза амният.[1]
Нияти рӯза гар адо набувад,
Дар қазо ҷуз ба шаб раво набувад.

Лек мар вақтиву навофилро,
То ба пеш аз завол ҳаст раво.

Ҳамчунин гар халал талаб накунӣ,
Нияти рӯза ҷуз ба шаб накунӣ!.

СОБИТ ШУДАНИ МОҲИ МУБОРАКИ РАМАЗОН

Сабаби рӯзаи моҳи Рамазон дидани ҳилол (моҳи нав)-и он моҳ ё гузаштани сӣ рӯз аз шаъбон аст, агар як шахси одил ба руъяти ҳилоли моҳи Рамазон гувоҳӣ диҳад, он шахс зан ё банда (ғулом) ҳам бошад, рӯза собит мешавад ва бо дидани ҳилоли моҳи шаввол ба поён мерасад.

Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Бо дидани моҳи нав рӯза бигиред ва бо дидани моҳи нав ифтор (ва ид) намоед. Агар (осмон) абрӣ ва бар шумо пӯшида бошад, пас моҳи шаъбонро сӣ рӯз комил созед»***.[2]

Аз ин рӯ, лозим аст, ки мардум ҳангоми ғуруби рӯзи бисту нуҳуми моҳи шаъбон дар талаб ва ҷустуҷӯи моҳи нав бароянд.

Агар осмон абрнок буда, имкони дидани моҳи нав мавҷуд набошад, сӣ рӯз аз моҳи шаъбонро пурра намуда, баъд аз он рӯза бигиранд. Дар чунин ҳолат рӯза гирифтани рӯзи сиюми моҳи шаъбон, ки ба рӯзи шак маъруф аст, мак-

[1] Амният ба маънои оромӣ, амонӣ ва бехавфӣ аст. Ният барои тамоми навъҳои рӯза – фарзӣ, нафлӣ ва ғ. фарз аст ва ҳеҷ ибодате бе ният дуруст намешавад. Пас шахси рӯзагир бояд рӯзаашро бо ният ба ҷой оварад, то ачру савоб ва он амният – осоишу растагорieро, ки аз ин ибодат барояш ваъда шудааст, ба даст оварад. Дар баъзе нусхаҳои чопӣ ба ҷои амният умни(й)ят (бо замми «ҳамза» ва ташдиди «йо») омадааст, ки он ба маънои орзу ва хоста аст.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1909; Саҳеҳи Муслим, 2512 (1081)-18; Сунани Насоӣ, 2116, 2117. Дар ҷои дигар мефармояд: ***«То моҳи навро набинед, рӯза нагиред ва то моҳи навро набинед, ифтор (ва ид) нанамоед. Агар (осмон) бар шумо пӯшида ва абрӣ бошад, пас барояш ҳисоб намоед»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1900, 1906, 1907; Саҳеҳи Муслим, 2495 (1080)-3, 8; Сунани Насоӣ, 2120).

рӯҳ мебошад.

Ҳар гоҳ осмон абрнок буда, имкони дидани моҳи нав (ҳилол) вуҷуд надошта бошад ва як нафар мусулмони одил (озод ё барда, мард ё зан) гувоҳӣ диҳад, ки дар рӯзи бисту нуҳи моҳи шаъбон моҳи навро дидааст, шаҳодати ӯ пазируфта мешавад.

Агар осмон соф бошад, гувоҳии як ё ду нафар дар мавриди дидани моҳи нави моҳи мубораки Рамазон пазируфта намешавад, балки дар ин ҳолат, бояд шумораи шоҳидҳо ба ҳадде бошад, ки бо хабари онҳо илми яқинӣ (аниқи кор) дар бораи дидани моҳи нав ҳосил шавад.

Ва аммо дар мавриди субути моҳи нави иди Фитр ҳангоми абрӣ будани осмон, шаҳодати як нафар мусулмони одил кофӣ дониста нашуда, балки шаҳодати ду марди мусулмони одил ё як марди мусулмони одил ҳамроҳ бо ду зани мусулмони одил мавриди қабул аст ва ҳангоми соф будани осмон бояд шумораи шоҳидҳо ба ҳадде бошад, ки бо хабари онҳо илми яқинӣ дар бораи дидани моҳи нав ҳосил шавад.

Сухани мунаҷҷимон (астрологҳо) ва ҳисоби уламои фалак (астрономҳо) дар дидани моҳи нав шаръан эътиборе надорад ва бо он ҳукми рӯъяти моҳ собит намешавад. Он бояд танҳо ба тариқи дидан собит шавад, вале истифода аз дурбин, расадхонаҳо ва дигар васоили илми муосир дар мушоҳидаи он боке надорад ва вақте моҳи нав бо ин васоил дида шавад, дар сурате шартҳои шаръан зарурӣ дар шахси бинанда таҳаққуқ ёфта бошанд, рӯъят эътибори шаръӣ пайдо мекунад. Ба ин маъно, ки шахси бинандаи ҳилол бо дурбин ва ё аз тариқи расад мусулмони оқил ва одил бошад.

Шоёни зикр аст, ки ҳисоби астрономӣ ва пешбиниҳои мунаҷҷимон аз рӯъяте, ки дар таълимоти исломӣ мавриди эътибор аст, фарқ дорад. Дар ҳисоби астрономӣ ибтидои моҳ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳилол ва ҷудо гаштани он аз хатти буриши офтоб сар мешавад ва ибтидои рӯзи якуми моҳ аксаран пеш аз завол шурӯъ мегардад, дар ҳоле ки аз назари шаръ аз шаб сар мешавад ва вақте моҳи нав аз бегоҳ ё шаб дида шавад, фардои он аввали моҳ ба шумор меравад. Дидани он пеш аз завол эътиборе надорад ва бо он чизе собит намешавад.

ТАФОВУТИ МАТЛАЪҲО

Аз назари ҷумҳури аҳли илм, аз ҷумла имом Абуҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) вақте ҳилоли моҳи Рамазон дар сарзамине дида шуд, рӯза бар тамоми мусулмонон дар сар то сари олам воҷиб мегардад, зеро рӯи хитоб дар фармоиши расули акрам (с): ***«Бо дидани моҳи нав (дар ибтидои моҳи Рамазон) рӯза бидоред ва бо дидани он (дар аввали моҳи шаввол) ифтор намоед»*** ба сӯи тамоми мусулмонон аст. Тафовуте, ки дар матлаъ (моҳтоббаро)-и як сарзамин бо тулӯъгоҳи сарзамин ва минтақаи дигар вуҷуд дорад, дар ин ҳукм таъсире надорад. Зеро бо тафовути чандсоатае, ки дар миёни матлаъҳо вуҷуд дорад, дар қурси моҳ ва гузариши шабу рӯз таъсири ҷиддие ба вуҷуд намеояд.[1]

Назари дигаре дар ин маврид низ вуҷуд дорад, ки он аз дидгоҳи фиқҳии имом Шофеъӣ (рҳ) ва мувофиқонаш иборат аст ва дар он тафовути матлаъҳо ба эътибор гирифта шудааст. Аз назари инҳо вақте ҳилоли моҳи Рамазон дар сарзамине дида шуд, рӯза танҳо бар аҳли он сарзамин ва мардуми сокини манотиқи ҳамҷавори он воҷиб мегардад.[2] Зеро аз Курайб ривоят шудааст, ки Уммулфазл бинти Ҳорис ӯро ба назди Муъовия дар Шом фиристод. Сипас гуфт: ***«Ба Шом рафтам ва ҳоҷат (кор)-и ӯро анҷом додам. Пас моҳи Рамазон бар ман дар Шом фаро расид ва ҳилол (-и моҳи Рамазонро) дар шаби ҷумъа дидам, пас аз он дар охири моҳ ба Мадина баргаштам. Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) аз ман пурсид: Моҳи навро кай дидед? Гуфтам: Шаби ҷумъа онро дидем. Гуфт: Ту онро дидӣ? Гуфтам: Оре ва мардум ҳам онро диданд ва рӯза доштанд ва Муъовия (ҳам) рӯза дошт. (Ибни Аббос) гуфт: Лекин мо онро шаби шанбе дидем ва ҳанӯз рӯза медорем то он ки сӣ рӯзро комил гардонем ва ё боз моҳи навро бибинем. Гуфтам: Оё бо дидани Муъовия иктифо намекунӣ? Гуфт: Не, Расули Худо (с) ба мо ҳамин***

[1] Дар «Радду-л-муҳтор» мефармояд: Ин зоҳири ривоят (дар мазҳаб) ва (қавли) муътамад дар назди мо, моликиҳо ва ҳанбалиҳо аст. (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 325).

[2] Ин назарро аз ҳанафиҳо имом Зайлаъӣ ва соҳиби «Файз» мавриди эътимод қарор додаанд. (Радду-л-муҳтор, ҳамон ҷо).

тавр амр кардааст».[1]

Ҳарчанд аз назари ҷумҳури аҳли илм тамоми матлаъҳо дар субути ҳилоли моҳи Рамазон як матлаъи умумӣ ба шумор раванд ҳам, дидгоҳи дуюм низ хеле қавӣ ва бар асоси далели шаръӣ бино ёфтааст. Бинобар ин, ҳайати кибори уламои мамлакати Саудӣ ҳеҷ кадоми онҳоро бар якдигар тарҷеҳ надода, барои ҳар кишвари исломӣ ва сарзаминҳои ҳамҷавори он ҳаққи интихоби яке аз ду назари фиқҳиро қоил шудааст, яъне уламои ҳар кишвар метавонанд бо яке аз ду дидгоҳи фиқҳӣ дар бораи матлаъҳо, ки ба шароити иҷтимоӣ ва ҷуғрофиёии хоси худашон муносибтар бошад, амал намоянд.[2]

Назари ҷумҳур дар ин маврид беҳтар ба назар мерасад, зеро ваҳдати дар матлаъҳо, ки ваҳдати дар рӯза ва дар идро ба вуҷуд меоварад, сабаби ваҳдат ва ҳамбастагии мусулмонон мегардад. Бинобар ин, Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти сеюми худ дар шаҳри Аммон – пойтахти кишвари Урдун, ки дар таърихи 8-13 моҳи сафари соли 1407 ҳ. мутобиқ ба 11-16 октябри соли 1986 м. баргузор гардид, пас аз баррасии ду масъала дар қазияи якпорчасозии оғози моҳҳои қамарӣ: а) ҳаҷми таъсири ихтилофи матлаъҳо дар ваҳдати оғози моҳҳо ва б) ҳукми исботи аввали моҳҳои қамарӣ ба василаи ҳисоби астрономӣ қарори зеринро ба тасвиб расонд:

Якум, вақте рӯъяти моҳ дар кишваре собит гардид, бар ҳамаи мусулмонон воҷиб аст, ки ба он амал намоянд. Тафовути матлаъҳо эътиборе надорад. Зеро рӯи хитоб дар амри ба рӯза ва ифтор бо дидани моҳ ба сӯи умуми мусулмонон аст.

Дуюм, он бояд танҳо ба тариқи рӯъят собит шавад, вале ба хотири риояи аҳодиси набавӣ ва ҳақоиқи илмӣ аз ҳисобӣ астрономӣ ва расадҳо дар дидани он кӯмак гирифта шавад.[3]

Вале чун масъала аз ҷумлаи масоили ихтилофӣ аст, пас аҳли ҳар сарзамине метавонад ба яке аз онҳо амал намояд ва касе ҳам шаръан ҳаққи сарзаниши онҳоро надорад.

Дидгоҳи дигаре низ дар ин масъала вуҷуд дорад, ки қоил ба ин мавқеъ аст: Агар матлаъҳои сарзаминҳои гуногун ва минтақаҳои ҳамҷавор дар тӯлу арзи ҷуғрофиёии худ ба ҳам наздик бошанд, пас матлаъи яке аз онҳо матлаъи дигарон низ ба шумор меравад, вале агар дар миёни онҳо тафовуте ба андозаи фосилаи байни қитъаи Осиё ва Амрико вуҷуд дошта бошад, пас метавон матлаъҳои онҳоро гуногун эътибор кард. Зеро фосилаи замоние, ки матлаъи ин ду минтақаро аз ҳам ҷудо месозад, ҳудуди дувоздаҳ соат, яъне ним шабона-рӯзро ташкил медиҳад. Аммо ин дидгоҳ ба эродҳои илмие рӯ ба рӯ шуда, ҳанӯз аз мавқеъи фиқҳии муносибе бархӯрдор нагаштааст.

ПОРАЕ АЗ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Шахсе танҳо моҳи нави Рамазонро рӯзи бисту нуҳи шаъбон бинад, бар худи он шахс лозим аст, ки рӯза бигирад, на бар дигарон. Вақте сӣ рӯз тамом шуд ва ҳилоли моҳи нави шаввол барои ид дида нашуд, рӯзи сиву якумро низ бояд рӯза бигирад ва бо дигарон якҷоя ид намояд.

2. Агар шахсе ҳилоли идро бинад, дар сурате ки дигар ҳеҷ кас онро надид, диданаш эътиборе надорад, бояд рӯза бигирад. Албатта, ин ду ҳолат ба соф будани осмон иртибот доранд.

3. Агар дар натиҷаи абрӣ будани осмон дар таърихи (29) бисту нуҳуми шаъбон моҳи нав дида нашуд, рӯзона то пеш аз завол чизе нахӯранд ва нанӯшанд, агар хабари дида шудани моҳ ба онҳо расид, нияти рӯза кунанд ва агар на, бихӯранд.

4. Агар дар таърихи 29-уми шаъбон ҳилоли моҳи Рамазон дида нашуд, касе чунин фикр накунад, ҳоло ки моҳ дида нашуд, рӯзаи қазоӣ ё назрӣ мегирам, зеро дар ин рӯз рӯзаи қазоӣ ва назрӣ ҳам макрӯҳ аст. Бо вуҷуди ин, агар нияти рӯзаи қазоӣ ё назриро кунад ва баъд аз манбаъҳои муътабар хабари дидани моҳ расад, рӯзааш рӯзаи моҳи Рамазон ба шумор меравад. Қазоӣ ва назрро дар вақти дигар бигирад.

5. Агар дар ягон шаҳре ё сарзамине моҳ дида шавад, барои тамоми шаҳрҳо дидани моҳ собит мегардад, ҳарчанд миёни ин шаҳр ва баҳияи шаҳрҳо фосилаҳо дурӣ бошад.

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 2523 (1087)-28. Сунани Абудовуд, 2332. Сунани Тирмизӣ, 693. Сунани Насоӣ, 2110.

[2] Алӣ ибни Нойифи Шуҳуд Мавсӯаи ад-Дин ан-насиҳа, Фатовои Рамазон ва мушкилоти рӯза ва қиёми шаб. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[3] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № 18 (3/6). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

6. Агар дидани моҳи нав дар аввали Рамазон бо шаҳодати ду нафар мусулмони дорои шароит собит шавад ва ба ҳамон ҳисоб сӣ рӯз рӯза гиранд, аммо дар охир барои ид моҳи нав дида нашавад, хоҳ осмон соф бошад, ё не, дар рӯзи сиву якум ифтор кунанд ва он рӯз рӯзи аввали шаввол дониста мешавад.

7. Агар дар рӯзи сиюм моҳи нав дида шуд, моҳ аз шаби оянда ҳисоб мешавад, хоҳ пеш аз завол (нисфирӯзӣ) бошад, ё баъд аз завол.

8. Касе, ки пойбанди меъёрҳо ва арзишҳои динӣ нест ва ба сурати ошкоро дар малаи ом ба гуноҳу бебандубориҳо даст мезанад, мас., намоз намехонад, рӯза намедорад, дурӯғ мегӯяд ва ҳоказо, сухани ӯро ҳеҷ эътиборе нест, ҳатто савганд ҳам ёд намояд ва чанд нафар ҳам бошанд, зеро ин қабил мардум бинобар меъёрҳои ахлоқӣ ва стандартҳои арзёбии инсонияти шахс аз нуқтаи назари шариати ислом одил дониста намешаванд ва поёнтар аз мақоми шоистагӣ ба пазируфта шудани гувоҳиашон дониста шудаанд.

ШАРТҲОИ ВОҶИБ ГАРДИДАНИ РӮЗА

Дини ислом тамоми ҳолатҳои гуногуни инсонро, аз қабили тандурустиву беморӣ, марҳалаҳои синну солӣ, пириву ҷавонӣ, қудрату тавоноӣ ва аҷзу нотавонӣ ва ғайра дар вақти анҷоми ибодатҳо дар назар гирифтааст ва онҳоро бар ҳама ба таври яксон воҷиб нагардонидааст, балки бар асоси таълимоти слом анҷоми тамоми ибодатҳо пас аз фароҳам гардидани маҷмӯаи шартҳое, ки аз ҷониби шариат пешбинӣ шудаанд, бар банда воҷиб мегардад ва рӯзаи моҳи Рамазон низ вақте бар банда воҷиб мегардад, ки шартҳои зерин дар вай фароҳам омада бошанд. Ин шартҳо бар се қисманд:

а) Шартҳои воҷиб гардидани рӯза:
1. Ислом.
2. Булуғ (ба синни балоғат расидан).
3. Ақл.

б) Шартҳои вуҷуби адо:
1. Қудрати рӯза гирифтан.
2. Иқомат (муқим будан).
3. Сиҳҳат (тандурустӣ).
4. Покӣ аз ҳайзу нифос барои занон.

в) Шартҳои дуруст гардидани рӯза:
1. Ният.
2. Дурӣ аз муфсидоти рӯза.

Се шарти аввал шартҳои воҷиб гардидани рӯза, чаҳор шарти баъдӣ шартҳои вуҷуби адои рӯза ва ду шарти ахир шартҳои дуруст гардидани он мебошанд. Бинобар ин, гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон бар кофирон, кӯдакони ба балоғат норасида, одамони аз ақл бегона, беморони дармонда, пирони бемадор, шахсони мусофир ва занони дар ҳоли ҳайзу нифос воҷиб нест. Ҳамчунин, касе нияти рӯза накарда бошад ва рӯз то бегоҳ гурусна бинишинад ҳам, он рӯза ба шумор намеравад, зеро дар баъзе онҳо шартҳои вуҷуб ва дар баъзе дигар шартҳои сиҳҳати рӯза таҳаққуқ наёфтаанд.

ФАЗОИЛИ САҲАРӢ

Андар Рамазон хоки ту зар мегардад,
Чун санг, ки сурмай басар мегардад.
Он луқма, ки хӯрдаӣ, қазар мегардад,
В-он сабр, ки кардаӣ, назар мегардад.
(Мавлоно)

Саҳарӣ хӯрдан дар моҳи Рамазон яке аз сунатҳои расули Худо (с) мебошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Саҳарӣ бихӯред, ки дар саҳарӣ хӯрдан баракат аст».***[1] Ҳамчунин мефармояд: ***«Агар бо ҷуръаи обе ҳам бошад, саҳарихӯрӣ намоед!».***[2] Дар сурате ки иштиҳои хӯрок надошта бошад, чанд дона хурмо ё аз ҳар навъ меваи дигар чанд дона бихӯрад ва ё қадре об бинӯшад, то савоби саҳариро дарёбад.

Рӯзадоре саҳарӣ нахӯрад, балки пиёлае чой ё об нӯшад, савоби саҳарӣ барояш ҳосил мешавад.

Саҳариро ҳарчи дертар хӯрдан беҳтар аст, вале набояд он қадар таъхир шавад, ки субҳ пой дар дамидан ниҳад ва дар рӯзааш иштибоҳ пайдо

[1] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1923; Саҳеҳи Муслим, 2544 (1095)-45; Сунани Тирмизӣ, 708; Сунани Насоӣ, 2145.

[2] Саҳеҳ: Саҳеҳи Ҷомеъу-с-сағир, 2945; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3467. – С. 613. Дар Саҳеҳи Ибни Ҳиббон ҳадисро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Муснади Абуяъло, 3340. – Ҷ. 6. – С. 87.

шавад. То охирин лаҳзаҳое, ки субҳи содик надамида бошад, саҳарӣ хӯрдан ҷоиз аст. Паёмбари Худо (с) дер саҳарӣ хӯрданро таъкид менамояд. Дар ҳадисе мефармояд: «***Вақте касе аз шумо садои азони (субҳ)-ро шунид ва дар дасташ зарфи обе бошад, то ниёзи худро аз об бартараф нанамояд, зарфро ба замин нагузорад»***.[1]

Агар хаёл кунад, ки ҳанӯз шаб аст ва ба хӯрдани саҳарӣ машғул гардад ва баъд маълум шавад, ки субҳ муддатест дамида ё хаёл кунад, ки офтоб ғуруб намуда ва ифтор кунад, сипас маълум шавад, ки ҳанӯз офтоб ғуруб накардааст, дар ҳар ду сурат ба монанди дигар рӯзадорон аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ намояд ва қазо бар вай воҷиб ояд, на каффорат.[2]

Бедор намудани аҳли хонавода, ба хусус кӯдакон ва нишастан бар сари хони саҳарӣ фазои зебо ва муаттареро дар он нишемани малакутӣ ба вуҷуд меоварад, ки таровати он то дергоҳе дар машоми ҷонҳо боқӣ мемонад.

Ман он мурғам, ки ҳар шому саҳаргоҳ,
Зи боми Арш меояд сафирам.

Хӯрдану нӯшидан дар ҳолати иштибоҳ ва нафаҳмидани тулӯъ ё ғуруб макрӯҳ аст.

Баробари ғуруб намудани офтоб кушодани рӯза мустаҳаб (суннат) аст ва таъхири он макрӯҳ мебошад.

ТАЪҶИЛИ ИФТОР

Аз таомуллоҳу қути хушгувор,
Бар чунон дарё чу киштӣ шав савор!
Бош дар рӯза шакибову мусирр,
Дам ба дам қути Худоро мунтазир!
К-он Худойи хубкору бурдбор,
Ҳадяҳоро медиҳад дар интизор.

(Мавлоно, Маснавӣ)

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Мардум, то замоне барвақт ифтор намоянд, дар хайру хубӣ ҳастанд»***.[3]

Таъҷил намудан дар ифтор ва пеш аз намоз кушодани рӯза низ аз суннатҳои расули Худо (с) мебошад. Мустаҳаб аст, ки рӯзадор бо хурмои тоза (рутаб) ва агар муяссар набошад, бо хурмои хушк (тамр) ифтор намояд ва агар он ҳам муяссар нагардид, бо об ва ё ҳар мева ва нӯшобаи дигаре ифтор намояд. Аз Анас (рз) ривоят шудааст, ки: *«Расули Худо (с) пеш аз он ки намози шомро бихонад, бо чанд хурмои тозае ифтор мекард. Агар хурмои тозае пайдо намешуд, бо чанд хурмои хушке ва агар он ҳам мавҷуд намебуд, бо ҷуръаи обе ифтор мекард»*.[4]

Баробари фурӯ нишастани офтоб ва яқин кардан ба ғуруби он кушодани рӯза мустаҳаб ва ба таъхир андохтани он макрӯҳ мебошад.

Аз паёмбар (с) тавсияҳои зиёде дар таъҷили ифтор ворид гардидааст, аз ҷумла, мефармояд: ***«Вақте шаб аз ин ҷо рӯй овард ва бо дасташ ба сӯи офтоббаро ишора кард ва рӯз аз ин ҷо рафт – ва дар ривояте – ва офтоб фурӯ нишаст, вақти ифтори рӯзадор фаро расидааст».***[5]

Ибни Абуавфо (рз) мегӯяд: ***«Дар сафаре дар моҳи Рамазон ҳамроҳи расули Худо (с) будем. Вақте офтоб фурӯ рафт, ба шахсе гуфт: Фаро ва бароям дар зарфе об биёвар.*** *Вай гуфт: Эй расули Худо (с) ҳанӯз офтоб нанишастааст.* ***Расули Худо (с) гуфт: Фаро ва бароям обе биёвар.*** *Он мард боз гуфт: Эй Расули Худо (с) ҳанӯз офтоб нанишастааст.* ***Расули Худо (с) бори дигар ба вай гуфт: Фаро ва бароям обе биёвар.*** *Он мард фуруд омад ва барояш об овард. Он ҳазрат (с) обро нӯшид ва фармуд:* ***Вақте шабро дидед, ки аз ин тараф ва бо дасташ ба сӯи офтоббаро ишора кард, рӯй овард*** – ва дар ривояте – ***ва офтоб аз ин тараф фурӯ рафт, вақти ифтори рӯзадор***

---

[1] Саҳеҳ: Сунани Абудовуд, 2350; Мустадраки Ҳоким, 729, 740. – Ҷ. 1. – С. 320, 323, 1552. – Ҷ. 1. – С. 588. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст. Муснади имом Аҳмад, 9189. – Ҷ. 3. – С. 154; Сунани Куброи Байҳақӣ, 8111. – Ҷ. 6. – С. 228; Сунани Дорақутнӣ, 1. – Ҷ. 2. – С. 165.

[2] Асмо духтари Абубакр (рз) мефармояд: *«Дар замони паёмбар (с) дар рӯзи абре ифтор кардем. Пас аз он офтоб баромад. Аз Ҳишом писари Урва, ровии хабар пурсида шуд, ки: Оё ба қазои рӯза амр шуданд? Гуфт: Албатта, қазо зарурӣ аст»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 1959; Сунани Абудовуд, 2359; Сунани Ибни Моҷа, 1674).

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1957; Саҳеҳи Муслим, 2550 (1098)-48; Сунани Тирмизӣ, 699.

[4] Сунани Абудовуд, 2356; Сунани Тирмизӣ, 696. Дар ривояти дигар омадааст: ***«Вақте касе аз шумо рӯзадор бошад, бо хурмо ифтор намояд, агар хурмо наёбад, бо об ифтор намояд, зеро об поксозанда аст»*** (Сунани Абудовуд, 2355; Сунани Тирмизӣ, 694, 695; Сунани Насоӣ, 2581; Сунани Ибни Моҷа, 1699).

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1954; Саҳеҳи Муслим, (1100)-51; Сунани Абудовуд, 2351; Сунани Тирмизӣ, 698. Ҳадисро аз Умар (рз) ривоят кардаанд.

фаро расидааст».[1]

Қуръони карим ба тановули хурмо, ба хусус дар аснои зоймон, тавсия намудааст, он ҷо ки ба Марям мефармояд: «Ва шохаи хурморо ба сӯи худ такон бидеҳ, хурмои тозае бар ту мерезад, пас аз он бихӯр ва бинӯш ва хуш бош!».[2] Расули Худо (с) ҳам дӯст медошт, ки рӯзаро бо чанд хурмои тоза ва ё хушк бикушояд ва ин амр ҳикматҳои зиёде дар худ дошта, ки илми тибби муосир порае аз онро кашф намудааст.

Озмоишҳои лабораторӣ нишон медиҳанд, ки ҳар сад грамм хурмо дар таркиби худ 65 мг. калсий, 72 мг. фосфор, 1,5 мг. оҳан дорад ва ин таркиботи минералии ишқорӣ меъдаро аз туршиҳои зиёд ва ҷисмро аз заҳрҳои пасмонда тоза мекунанд. Арзиши ғизоии ҳар сад грамм хурмо ба 352 килокалория баробар аст.

Ҳамчунин собит шуда, ки хурмо аз витамини А ғанӣ буда, нармкунандаи хуби табиӣ ба шумор меравад, қабзи меъдаро бартараф месозад, мушакҳои ҷисм ва асабҳоро тақвият мекунад, таровати баданро ҳифз менамояд ва барои дасгоҳи гувориши заъиф нофеъ аст. Он барои одамони дучори камхунӣ, бемориҳои сина, занони бордор ва кӯдакон бисёр муфид аст.

Хурмо ва нӯшокиҳои мевагӣ хӯроки тақрибан омода – ҳазмшуда ба шумор меоянд ва муносибтарин ғизо барои ифтор мебошанд. Бадан ниёзҳои ғизоии худро дар зарфи чанд дақиқа аз онҳо таъмин менамояд, дар ҳоле ки барои ҳазм ва коркарди дигар анвои хӯрданиҳо замони бештаре сарф мешавад.

ДУОИ ИФТОР

Ҳар шом зи моҳи Рамазон субҳи умеде аст,
Ҳар рӯз аз ин моҳи муборак шаби иде аст.
Ҳар оҳи ҷигарсӯз, ки аз сина барояд,
Дар домани саҳройи ҷазо сояи беде аст.

(Соиби Табрезӣ, Девони ғазалиёт, 567)

Аз расули Худо (с) дуоҳое ба ҳангоми ифтор ривоят шудааст, ки шахси рӯзадор хуб аст рӯзаашро аз баракоти онҳо пурбор намояд. Ибни Умар (рз) мегӯяд, вақте паёмбар (с) ифтор мекард, мефармуд: **«Заҳаба-з-замау вабталлатил ъуруқ ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ»**, ***(Ташнагӣ аз байн рафт, рагҳо сероб шуданд ва иншоаллоҳ, аҷр ҳам собит шуд)***.[3]

Аз он ҳазрат (с) боз ривоят шудааст, ки мегуфт: ***«Дуои рӯзадор ҳангоми ифтор (рад карда намешавад):*** **Аллоҳумма, иннӣ асъалука бираҳматика-л-латӣ васиъат кулла шайъин ан тағфира лӣ зунубӣ»,** ***(Худоё, Туро ба он раҳматат, ки тамоми чизро фаро гирифтааст, мепурсам, ки гуноҳонамро бароям мағфират намоӣ!)***.[4] Ҳамчунин ривоят шуда, ки паёмбар (с) ҳангоми ифтор мегуфт: **«Аллоҳумма лака сумту ва ъало ризқика афтарту»,** ***(Худоё, барои Ту рӯза доштам ва бо ризқи Ту ифтор менамоям!)***.[5]

Расули Худо (с) агар дар хонаи касе ифтор мекард, барои соҳиби таом ва аҳли он хона дуо мекард: **«Афтара ъиндакуму-с-соимун ва акала таъомакуму-л-аброр ва саллат ъалайкуму-л-малоика»,** ***(Ҳамеша дар назди шумо рӯзадорон ифтор намоянд, таоматонро некон ва покон бихӯранд ва бар шумо фариштагон дуруд фиристанд!)***.[6]

БАЁНИ ҲОЛАТҲОЕ, КИ ШИКАСТАН Ё НАГИРИФТАНИ РӮЗА ДАР ОНҲО ҶОИЗ АСТ

1. Рӯзадоре дар аснои моҳи Рамазон ногаҳон бемор гардад, ки агар нахӯрад ва ё нанӯшад, бими ҳалокат ё зиёдшавии беморӣ ва ё таъхире дар барқароршавии тандурустиаш вуҷуд дорад, дар ин ҳолатҳо шикастани (хӯрдан) рӯза барояш ҷоиз аст.

2. Ташнагӣ то ҷое рӯзадорро беҳол намояд, ки агар об нанӯшад, эҳтимоли фавтиданаш вуҷуд дошта бошад, шикастани рӯза барояш ҷоиз аст.

3. Зани бордор, вақте хавфи ҳалокати худ ё тифлашро эҳсос намояд, хӯрдани рӯза барояш

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1941, 1955, 1956, 1958; Саҳеҳи Муслим, (1101)-52, 53, 54; Сунани Абудовуд, 2352.

[2] Сураи Марям, 19: 25, 26.

[3] Сунани Абудовуд, 2357. Мустадраки Ҳоким, 1576. – Ҷ. 2. – С. 52 Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст.

[4] Сунани Ибни Моҷа, 1753. Мустадраки Ҳоким, 1575. – Ҷ. 2. – С. 52 Ҳадисро аз Абдуллоҳ ибни Амр (рз) ривоят кардаанд.

[5] Сунани Абудовуд, 2358.

[6] Сунани Абудовуд, 3854.

ҷоиз аст. Дар ду ҳолати номбурда (беморӣ ва бордорӣ) агар ҳанӯз барои рӯза ният набаста бошад, метавонад рӯзаро нагирад, лекин барои бемор ба маҳзи тахмину хаёл ин кор ҷоиз нест, балки бояд табиби ҳозиқ (донишманд) ва бодиёнате ин ҳолатро таъйид намояд.

4. Табиб чизе нагуфта бошад, вале аз таҷриба ва нишонаҳои дигар донад, ки ба сабаби рӯза бемориш шиддат пайдо мекунад ва ё дар барқароршавии тандурустияш таъхир меафтад, дар ин сурат низ ҷоиз аст рӯза нагирад.

5. Агар бемор солим гардад, вале ҳанӯз бемадор бошад ва ғолиби гумон ин аст, ки бо рӯза гирифтан мумкин аст дубора бемор шавад, рӯза нагирад.

6. Шахси бемор ва ё мусофире дар ҳолати беморӣ ва сафар даргузаранд, барои рӯзаи хӯрдаашон дар охират бозхост намешаванд.

7. Шахсе муддати даҳ рӯз бемор бошад ва саломатиаш панҷ рӯз беҳтар шавад, вале дар ин муддат қазоии даврони бемориашро нагирад ва баъд аз он даргузарад, панҷ рӯзи даврони бемориш муъоф буда, барои панҷ рӯзи дигараш бозхост хоҳад шуд.

8. Дар мусофират рӯзаро нагирад ва чун ба хона баргашт намояд, аз дунё даргузарад, ба андозаи ҳамон чанд рӯзе, ки дар хона буда ва қазои рӯзаашро ба ҷой наовардааст, бозхост мешавад. Барои чунин шахс муносиб аст васият намояд, то ворисон фидяи рӯзҳои қазо наёвардаашро пардохт намоянд. Фидяи рӯза барои ҳар рӯз ним соъ гандум аст.

9. Мусофире барои камтарин муддати иқомат (15 рӯз) ё бештар аз он нияти иқомат намояд, дигар хӯрдани рӯза барояш ҷоиз нест. Агар аз он миқдор камтар нияти иқомат намояд, ҳар ду тарафи кор барояш яксон аст. Бубинад, агар хӯрдан барояш муносибтар бошад, бихӯрад ва агар рӯза доштан беҳтар бошад ва машаққате барояш ба вуҷуд намеояд, рӯза бигирад. Зеро нияти иқомат барои муддати камтар аз понздаҳ рӯз дуруст намешавад ва вай мусофир ба шумор меравад.

10. Кофире дар миёнаҳои рӯз мусулмон шавад ва ё хурдсоле ба балоғат расад, бозмондаи он рӯзро аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ намоянд ва агар бихӯранд ҳам, қазое бар онҳо лозим нест.

11. Шахсе дар мусофират қасди нагирифтани рӯзаро дошта бошад, вале пеш аз нисфирӯзӣ (завол) ба хонааш баргашта, муқим шавад, ё дар як чунин вақте нияти иқомат намояд ва то ҳол чизе нахӯрда ва нанӯшида бошад, барояш нияти рӯза – рӯза доштан аз ҳамон вақт мутлақо, яъне рӯзаи нафл, назр, Рамазон (ва ё ҳар рӯзаи дигаре, ки табйит – аз шаб ният кардан дар он воҷиб набошад), раво (дуруст ва ҷоиз) аст, он гоҳ дар моҳи Рамазон рӯза доштани он рӯз бар вай воҷиб аст ва дар навъҳои дигари рӯза миёни савм ва ифтор – рӯза доштан ва хӯрдан мухайяр аст. Аммо агар дар вай то пеш аз завол узр ё ҳолате мунофии рӯза вуҷуд дошта бошад, ба ин сурат ки ҳоизе дар он вақт аз ҳайз пок гашта ва ё маҷнуне ба худ омада бошад, пас дар моҳи Рамазон бар вай имсок воҷиб аст. Ҳамон гуна ки бар шахси муқиме, ки дар моҳи Рамазон пас аз нияти рӯза, яъне пас аз субҳ ба сафар барояд, итмоми рӯзаи он рӯзе, ки дар он сафар кардааст, воҷиб аст. Зеро сафар раво (мубоҳ)-созандаи адами шурӯъ дар рӯза аст, на равосозандаи ифтор – хӯрдани рӯзае, ки амалан ба доштани он иқдом кардааст.[1]

12. Шахси пиру нотавон вақте бардаму тавоно гардад ва ё бемори барҷомондае бар асари кӯшиши табибон саломатияш дубора барқарор гардад, бояд қазои рӯзаашро ба ҷой оварад, зеро дар ин сурат фидя наметавонад ҷойгузини рӯза гардад.

13. Бар зиммаи шахсе чанд рӯз рӯзаи қазоӣ бошад ва дар вақти мурдан ба додани фидя васият кунад, он (васият) пас аз кафан ва дафн аз як сеюми молаш бароварда мешавад. Бе васият аз моли ба мерос гузоштааш фидя додан воҷиб нест, вале агар валӣ ё ворис аз рӯи табаруъ фидяи онро адо намояд, ҷоиз аст.

14. Агар миқдори фидяе, ки бояд дода шавад, аз як сеюми моли даргузашта зиёдтар бошад, бо вуҷуди васият, бе ризояти ворисон бароварданди миқдори зиёдатии фидя ҷоиз нест.

15. Васият барои додани фидя дар ивази намозҳои қазо кардааш низ ҳамин ҳукмро дорад.

16. Бар зиммаи шахсе закоти молаш монда бошад ва ба ҳангоми марг ба додани он васият намояд, дар ин ҳолат низ бар ворисон воҷиб аст, ки баъд аз кафан, дафн ва адои қарзҳои бандагон аз як сеюми молаш закотро бидиҳанд.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 478–479.

17. Бе узр хӯрдани рӯзаи моҳи мубораки Рамазон гуноҳи кабира (гуноҳи бузург) аст. Набояд бандаи муъмин ин фикри хаторо дар сар бипарваронад, ки ҳоло ки вақт аст, мехӯрам ва чун умрам ба ҷое расид, рӯза мегирам ва қазоҳои гузаштаро ба ҷо меоварам. Зеро дар ҳадиси шариф омадааст, ки агар тамоми умрро рӯза бигирад, бо як рӯзи рӯзаи моҳи Рамазон баробар наояд.[1] Дигар ин ки шояд аҷал ӯро фурсат надиҳад, то умраш ба ҷое бирасад ва рӯза бигирад.

18. Кӯдаки ҳанӯз ба балоғат нарасида, агар рӯза гирад ва сипас онро бихӯрад, қазое бар вай воҷиб намегардад, вале агар намозро ният кунад ва онро пас аз ният фосид намояд, бояд онро аз сар бихонад.

АРЗИШИ ЭҲСОНУ НЕКӢ ДАР МОҲИ РАМАЗОН

Ислом дар озмоишгоҳҳои тарбиявии худ на танҳо бо саркӯб намудани сифатҳои даррандаҳӯй ва сарпӯш гузоштан ба рӯи разоили ахлоқӣ дар ботини инсон иктифо наменамояд ва бо ин роҳи ҳалҳои муваққатӣ ва ба зоҳир сатҳӣ хушнуд намегардад, балки бо ҷалб намудани таваҷҷуҳи ӯ ба ҳадаф ва моҳияти аҳкоми ибодӣ ва рукнҳои тарбиявии худ, мехоҳад дар ботини одамӣ ҳамон фитрати беолоиш, камолхоҳ ва худоии ӯро ба ҳаракат ва пӯёӣ дароварад ва бо ба вуҷуд овардани вичдони имонӣ ва малакаи (нерӯи) худидоракунандаи дохилӣ, ҳамеша ӯро бар сохтани шахсият ва сарнавишти худ қодир ва мусаллат намояд.

Дар чунин ҳолат аст, ки рӯзадор дигар на танҳо аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамхобагӣ бо ҳамсараш рӯзона худдорӣ менамояд, балки аз беҳудагӯию зиштсуханӣ, сару садоҳои беҷо ва аз тамоми аъмоли ҷоҳилона худдорӣ меварзад. Аз чангу хусуматҳо, дурӯғу туҳматзаниҳо, ғайбаткуниҳо ва корҳои дигаре, ки хилофи моҳияти рӯза ва ҷойгоҳи шахси рӯзадоранд, ба кулӣ дурӣ меҷӯяд.

Паёмбар (с) рӯи ин нукта таъкид намуда, мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо рӯзадор бошад, ҳаргиз сухани беҳудаву зишт нагӯяд ва доду фарёд накашад ва аз аъмоли ҷоҳилона парҳез намояд. Агар касе ба ӯ дашном диҳад, ё ба ситеза (ҷанҷол) бархезад, ба вай бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам, ман рӯзадор ҳастам».***[2]

Он ҳазрат (с) боз мефармояд: ***«Касе аз гуфтори дурӯғ ва беҳуда ва амал ба он даст барнадорад, Худо ҳеҷ ниёзе ба худдории вай аз хӯрдану нӯшиданаш надорад».***[3]

1. Пас аз тай намудани ин марҳалаҳои инсонсоз, рӯзадор ба шахсияти нек ва хайрхоҳи ҷомеа табдил меёбад. Эҳсону некӣ, тоъату ибодат ва тамоми корҳои хайре, ки дар моҳи Рамазон анҷом мегиранд, ба хотири фазилате, ки ин моҳ дар пешгоҳи Худованд дорад, аз корҳое, ки дар моҳҳои дигар анҷом дода мешаванд, бартарӣ доранд.

Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Беҳтарин ва дӯстдоштатарин амалҳои солеҳ дар назди Худо он аст, ки дар даҳаи охири моҳи Рамазон анҷом гирад».***[4] Ҳамчунин, расули Худо (с) пурсида шуд: Кадом садақа беҳтар аст? Фармуд: ***«Садақае, ки дар моҳи Рамазон бошад».***[5]

Расули Худо (с) дар моҳи мубораки Рамазон беш аз дигар моҳҳо ба бахшишу эҳсон мепардохт ва дар моҳи Рамазон, вақте Ҷабраил (а) ба назди эшон (с) меомад, аз дигар рӯзҳо бештар некию эҳсон мекард.[6]

---

[1] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Абуҳурайра (рз) ривоят шудааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе як рӯзе аз Рамазонро бе ҳеҷ узр ва беморие бихӯрад, агар тамоми даҳр (замон)-ро рӯза дорад, қазои онро ба ҷой намеоварад»*** (Сунани Абудовуд, 2396, 2397; Сунани Тирмизӣ, 723; Сунани Ибни Моҷа, 1672. Бухорӣ онро дар муқаддимаи ҳадиси 1935 аз Абуҳурайра (рз) ба таври марфуъ ривоят кардааст).

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1894, 1904, 5927; Саҳеҳи Муслим, 2700 (1151)-163; Сунани Насоӣ, 2215, 2216. Қисмате аз ҳадиси муттафақун алайҳи ***«Куллу амали ибни одама лаҳу…»*** аст.

[3] Саҳеҳ: [Мухтасари саҳеҳи Бухорӣ, 921]; Саҳеҳи Бухорӣ, 1903, 6507; Сунани Абудовуд, 2362; Сунани Тирмизӣ, 707; Сунани Ибни Моҷа, 1689.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 969; Сунани Абудовуд, 2438; Сунани Тирмизӣ, 757.

[5] Сунани Тирмизӣ, 663.

[6] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Ибни Аббос (рз) дар ин бора ривоят шудааст: *«Паёмбар (с) босахотарини мардум дар бораи хайр буд ва (боз) аз ҳама босахотар дар моҳи Рамазон буд, вақте Ҷабраил бо вай дидор мекард. Ҷабраил (а) ҳар шаб то охири моҳи Рамазон бо ӯ дидор мекард ва дар ин муддат Қуръонро бар ӯ арза мекард. Вақте Ҷабраил (а) ба ӯ мулоқот мекард, он ҳазрат аз боди вазон ҳам боҷудтар буд»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 6, 1902, 3220, 3554, 4997; Саҳеҳи Муслим, 5964 (2308)-50; Сунани Насоӣ, 2094).

2. Эҳёи шабҳои Рамазон: Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе (шабҳои) моҳи Рамазонро аз рӯи имон ва ба умеди аҷру савоб зинда дорад (ба намоз бархезад), гуноҳони пешини ӯ омурзида шаванд».***[1]

3. Тиловати Қуръон: Расули Худо (с) дар моҳи мубораки Рамазон бештар ба тиловати Қуръон мепардохт. Ҷабраил (а) барои мудораса ва такрори Қуръон ҳар сол дар моҳи мубораки Рамазон ба назди эшон меомад.[2] Он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Рӯза ва Қуръон рӯзи қиёмат ба шафоати банда (соҳиби худ) бармехезанд. Рӯза мегӯяд: Парвардигоро! Рӯзҳо ман аз хӯрдану (нӯшидан) ва дигар хостаҳои ӯ монеъ мешудам, пас маро (имрӯз)барои ӯ шафеъ бигардон. Ва Қуръон мегӯяд: Ман шабҳо аз хоби ӯ монеъ мегардидам, пас шафоъати маро дар бораи ӯ бипазир. Онҳо ҳар ду барояш шафеъ мегарданд».***[3]

4. *Эътикоф.*

5. *Ҳаҷҷи умра:* Дар моҳи мубораки Рамазон ба зиёрати хонаи Худо рафтан дар муқоиса ба моҳҳои дигар аҷру фазилати бештаре дорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Умрае дар моҳи Рамазон бо ҳаҷҷе баробар мебошад».***[4]

АҲКОМ ВА ОДОБ

Аз маҷмӯи оятҳо ва аҳодисе, ки дар бораи рӯзаи моҳи Рамазон нозил ва собит шудаанд, фақеҳони киром аҳком ва одоберо дар бораи рӯза ва шахси рӯзадор истинбот кардаанд, ки муҳимтарини онҳоро дар ин ҷо зикр менамоем:

а) Аҳком

1. Гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон бар шахсе, ки ба синни таклиф расида бошад, фарз аст.

2. Шахси бемор шарьан метавонад рӯзаи моҳи Рамазонро бихӯрад, хоҳ бемориаш пеш аз даромадани моҳи Рамазон ба вуҷуд омада бошад, хоҳ пас аз оғози рӯза, вале пас аз баркарор гардидани саломатиаш бояд қазои онро ба ҷой оварад.

Беморие, ки ба сабаби он хӯрдани рӯза барои шахс ҷоиз мегардад, он беморие аст, ки ба сабаби рӯза доштан зиёд шавад ва ё дар шифоёбиаш таъхир афтад.

3. Шахсе ҳангоми ҳулули моҳи Рамазон дар сафар бошад ва ё пас аз фаро расидани он ба сафар барояд, шарьан барояш иҷозат аст, ки рӯзаро бихӯрад ва пас аз бозгашт қазои онро ба ҷой оварад.

Аммо дар бораи сафаре, ки хӯрдани рӯза ба сабаби он ҷоиз мегардад, дар миёни фақеҳони киром назароти гуногун вуҷуд дорад. а) Аз назари имом Абуҳанифа (рҳ) хӯрдани рӯза танҳо дар сафарҳои шарьӣ, яъне сафаре, ки ба нияти серӯза роҳ бошад, ҷоиз аст ва дар камтар аз он ҷоиз нест. б) Аз назари имом Шофеъӣ (рҳ) дар сафари як шабонарӯза ҷоиз аст. в) Назари баъзе олимони дигар он аст, ки хӯрдани рӯза дар ҳамаи сафарҳо ҷоиз аст ва он ба муддате маҳдуд намебошад, зеро дар оят ба таври мутлақ омадааст ва ба чизе маҳдуд сохта нашудааст.

Аз назари ҷумҳури фақеҳон гирифтан ва ё хӯрдани рӯза дар сафар рухсат, яъне ихтиёрӣ аст ва ҳар мусофире бо таносуби ҳоли худ метавонад ба яке аз онҳо амал намояд. Агар дар сафар рӯза дорад, рӯзааш ҷоиз мегардад ва агар ифтор намояд, он низ барояш иҷозат аст, вале пас аз бозгашт қазои онро бояд ба ҷой оварад.

4. Пирамард ва пиразане, ки аз мадор рафтаанд ва гирифтани рӯза барояшон сахтӣ ва машаққате ба бор меоварад, шарьан барояшон иҷозат аст, ки рӯзаашонро бихӯранд ва ба ҷои ҳар рӯзи он ба андозаи таоми мискине фидя диҳанд. Дигар қазое бар онҳо воҷиб нест.

Беморе, ки дигар барои беҳбудиаш умеде намондааст, низ дар ин ҳукм шомил мебошад. Ин гуна бемор низ ба ҷои ҳар рӯзи хӯрдааш ба андозаи таоми мискине фидя медиҳад. Беморони барҷомонда (музмин) ва гирифторони бемориҳое, ки ғолибан дармоннопазиранд, ба ин гуна беморон дохил мешаванд.

5. Заноне, ки дар ҳолати ҳайз ва ё нифос қарор доранд, шарьан бар онҳо воҷиб аст, ки аз гирифтани рӯза худдорӣ намоянд ва пас аз пок

---

[1] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 37, 1901, 2008, 2009; Саҳеҳи Муслим, 1776 (759)-173; Сунани Абудовуд, 1371; Сунани Тирмизӣ, 808; Сунани Насоӣ, 1601, 2103, 2198.

[2] Ба манобеъи поварақии якум муроҷиат шавад.

[3] Муснади имом Аҳмад, 6589. – Ҷ. 2. – С. 366; Мустадраки Ҳоким, 2036. – Ҷ. 1. – С. 740. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст.

[4] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1782, 1863; Саҳеҳи Муслим, 3028 (1256)-221, 222; Сунани Тирмизӣ, 939; Сунани Насоӣ, 2109; Сунани Ибни Моҷа, 2993.

гардидан қазои онро ба ҷой оваранд. Рӯза дошатан барояшон мамнӯъ аст.

6. Занони ҳомила ва ширдеҳ агар бар худ ва ё тифли ширхораашон хавф баранд, шаръан барояшон иҷозат аст, ки рӯзаро бихӯранд ва пас аз вазъи ҳамл ва ҷудо шудани тифл аз шир қазои онро ба ҷой оваранд. Ҷумҳури аҳли сунат иттифоқи назар доранд, ки занони ҳомила ва ширдеҳ пас аз вазъи ҳамл ва ҷудо шудани тифл аз шир бояд қазои рӯзаро ба ҷой оваранд, вале дар пардохти фидя нуқта назароти онҳо гуногун мебошад.

Ҳукми масъала дар ин ҷо ҳар ду гурӯҳи занони ширдеҳро дар бар мегирад: а) заноне, ки ба фарзандони худашон шир медиҳанд ва б) заноне, ки ба ҳайси доя ба фарзандони шахсони дигар шир медиҳанд.

7. Дар ҳолати гуруснагӣ ва ташнагии сахте, ки бар ҳалокат ва ё нақси ақлӣ ва ҷисмонии шахси рӯзадор хавф бурда шавад, хӯрдани рӯза ҷоиз аст. Мас., агар аз шиддати гуруснагӣ ва ё ташнагӣ дар моҳи Рамазон хавфи аз даст додани биноӣ барои рӯзадор пеш ояд, хӯрдани рӯза барояш ҷоиз мегардад. Ин ҳолат аксаран барои онҳое пеш меояд, ки машғули корҳои сахти ҷисмонӣ ҳастанд ва барои тарки он чорае надоранд. Фақеҳони киром ин ҳолатро ба ҳоли шахси бемор, ки шаръан барои вай хӯрдани рӯза иҷозат дода шудааст, қиёс кардаанд.[1]

Соҳиби «Радд» пас аз баррасии мавзӯъ мефармояд: «Чизе, ки дар масъалаи шахси коргар бояд гуфта шавад, ин аст, ки агар ба андозаи кифоя барои нафақаи худ ва аёлаш пулу мол дошта бошад, хӯрдани рӯза (бо баҳонаи касб) барояш ҳалол нест ва дар ғайри он метавонад ба қадри кифоя кор кунад ва агар ин амр вайро ба хӯрдани рӯза маҷбур созад, он барояш ҷоиз мегардад, вақте дар ғайри он имкони кор кардан надошта бошад. Ҳамчунин агар аз талаф шудани зироат ва ҳосил ва ё дуздида шудани он хавф барад ва касеро наёбад, ки барояш бо музд кор кунад, метавонад рӯзаашро бихӯрад ва қазои онро пас аз бартараф шудани он ҳолат ба ҷой оварад, ҳамин тавр шахсе барои кор бо касе қарордод баста бошад ва дар вақти Рамазон соҳиби кор ба фасхи он розӣ нашавад, метавонад рӯзаашро бихӯрад».[2]

Пас ҳолатҳое, ки хӯрдан ва ё нагирифтани рӯза дар онҳо ҷоиз аст ва узрҳои шаръӣ ба шумор мераванд, шаш чизанд: а) беморӣ, б) сафар, в) пирӣ ва калонсолӣ, в) ҳайзу нифос, г) ҳомилагӣ ва ширдиҳӣ, д) гуруснагӣ ва ташнагии сахт.

Дар панҷ ҳолати он – беморӣ, сафар, ҳайзу нифос, ҳомилагию ширдиҳӣ ва гуруснагию ташнагии сахт пас аз бартараф гардидани узрҳои номбурда қазои рӯза бар шахс воҷиб аст. Аммо дар ҳолати пирӣ ва ҳамин тавр беморие, ки дигар ба беҳбудии бемор умеде нест, бар шахс танҳо фидя воҷиб мегардад ва қазое бар вай нест.

8. Дар шабҳои моҳи Рамазон тамоми мамнӯоти зоҳирии рӯза бардошта шудаанд ва барои рӯзадор пас аз фурӯ рафтани офтоб то дамидани субҳ хӯрдану нӯшидан ва наздикӣ бо занон ҷоиз аст. Вале барои шахси муътакиф наздикӣ бо занон мамнӯъ мебошад. Зеро вай ибодати дигареро бо номи эътикоф бар рӯзаи моҳи Рамазон афзудааст, ки он талабот ва аҳкоми худро дорад ва наздикӣ бо занон онро фосид месозад.

б) Одоб ва мустаҳаббот

1. Худдорӣ аз беҳудагӣ, бадзабонӣ ва бадрафторӣ. Зеро худдорӣ аз хостаҳои шикаму фарҷ камтарин ва ё маҷмӯаи зоҳирии мамнӯоти рӯзаро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки ҳадафи асосии рӯза расидани ба тақво ва худсозии шахси рӯзадор аст ва ин маҷмӯа вақте барои рӯзадор ҳосил мешавад, ки қадамҳои барҷастае дар раванди худсозӣ ва такомули ҷанбаҳои инсонии худ бардорад.

2. Ҷидду ҷаҳд дар дуову ибодат, тиловати Қуръон ва дигар амалҳое, ки дар ташаккули ҷавҳари шахсияти инсон таъсири бевосита доранд. Зеро ин моҳ фурсати нотакрор ва лаҳзаҳои муносиберо барои қабули дуову ибодат ва дигар амалҳои нек дар ихтиёри ӯ мегузорад ва Худованд иҷобати дуо, ибодатҳо ва дигар аъмоли бандаро дар ин моҳ кафолат додааст.

3. Таъҷили ифтор ва таъхири саҳариҳӯрӣ низ аз ҷумлаи суннатҳои расули Худо (с) ва беҳтарин одоби фаризаи рӯза дар ислом ҳас-

[1] Барои донистани ин ки гуруснагӣ ва ташнагии сахт аз назари уламои фиқҳ дар кадом мавридҳо корбурди амалӣ дорад, бояд ба донишмандон ва коршиносони соҳаи фиқҳ мурочиат шавад.

[2] Раддул мӯҳтор. – Ҷ. 3. – С. 358.

танд ва рӯзаи мо аз рӯзаи умматони пешин бо ҳамин чизҳо фарқ мекунад.

4. Пеш аз намози шом, пас аз ғуруб, кушодани рӯза низ аз ҷумлаи суннатҳои расули Худо (с) дар ин моҳ мебошад.

5. Дар саҳарҳои моҳи Рамазон бо пайравӣ аз суннати расули Худо (с) ва ба хотири баракат чизе, ҳарчанд ҷуръаи обе ҳам бошад, хӯрдан.

6. Эътикофи даҳаи охирро барои сафои бештари рӯҳ ва тазкияи нафс ғанимат донистан.

7. Ҳангоми ифтор ва саҳарихӯрӣ бояд дар хӯрдану нӯшидан меъёр ва андозаи муайяне риоя гардад, зеро пурхӯрӣ на аз назари шаръ матлуб ва писандида аст ва на аз назари тиб.

Вақте инсон пурхӯрӣ мекунад, тамоми бадан дар ҳамоҳангӣ бо дастгоҳи ҳозима муддате ба таври тоқатфарсо ва болотар аз доираи тавонаш ба ҳазм, коркард ва қабули ҳаҷми зиёди маводи хӯрокӣ машғул мегардад ва ин ҳолат дар айни ҳоле ки ба саломатии инсон дар маҷмӯъ зарар дорад, ӯро аз пӯёӣ ва боландагии рӯҳӣ низ бозмедорад. Оре, намози таровеҳ барои ба эътидол даромадани вазъи чунин одамон василаи хубе мебошад, вале одаме, ки аз шиддати пурхӯрӣ ба зӯр хаму рост мешавад ва худро аз оруғу дамиши шикам ба ҳоле нигаҳ медорад, дигар чӣ баҳрае аз маънавиёти намоз ба даст меоварад.

Фасли дуввум

МУФСИДОТИ РӮЗА

Ҳамон тавре ки гуфтем, рӯзадор бояд аз дамидани субҳи содиқ то ғуруби офтоб аз баъзе корҳо худдорӣ намояд ва агар яке аз онҳоро анҷом диҳад, рӯзааш фосид мешавад. Маҷмӯъи ин корҳоро муфсидоти рӯза меноманд.

Бо содир намудани бархе аз онҳо ҳам қазо ва ҳам каффорат бар ӯ воҷиб мегардад. Аз ҷумла:

1. Ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) кардан.

2. Қасдан хӯрдан ё ошомидан.

Каффорат аслан дар ду ҳолат: алоқаи ҷинсӣ ва хӯрдану ошомидан, ки дар ҳар ду сурат нақзи комил ва ошкор (бешубҳа)-и рӯза ба амал омадааст, воҷиб мегардад

Дар дигар мавридҳои муфсидоти рӯза, ки нақзи комил ва бешубҳаи рӯза сурат нагирифтааст, танҳо қазои онро ба ҷо меоварад ва каффорат надорад. Муфсидоте, ки танҳо қазо доранд, инҳо мебошанд:

1. Бо бӯсидан ва ё ламс кардан ва даст расонидан ба ҳамсараш инзол шавад.

2. Сангреза ё оҳан ва ё чизҳои дигареро, ки маъмулан хӯрда намешаванд, фурӯ барад ва ё донаи меваеро бибалъад, яъне фурӯ барад.

3. Дар ғайри фарҷ (олати зан) ҷимоъ кунад ва инзол шавад.

4. Ба бинӣ ва ё гӯши худ даво бичаконад.

5. Давое ба димоғаш бирасад.

6. Ба гумони ин, ки бомдод (субҳ) ҳанӯз надамидааст, саҳархӯрӣ намояд ва баъд маълум шавад, ки гумонаш дуруст набудааст.

7. Ба гумони ин, ки офтоб ғуруб кардааст, ифтор намояд ва баъд ошкор гардад, ки гумонаш хато будааст.

8. Ғуборе ва ё ҳашаротеро қасдан ба ҳалқаш фурӯ барад.

9. Бо даҳони пур қай намояд. Ин дар ҳолест, ки ба ихтиёри худ қай намояд, вале агар қай бар вай ғолиб ояд ва дигар онро нигаҳ дошта натавонад, қазо ҳам бар вай воҷиб намешавад, ҳарчанд ба пурии даҳон бошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касеро қай бар вай ғолиб ояд, қазое бар вай нест, вале касе бо иродаи худ қай намояд, пас бояд (он рӯзро) қазо дорад»***.[1]

10. Иҷборан бихӯрад ё биёшомад.

11. Бо дасташ истимно намояд.

12. Фурӯ бурдани дуди анбар, уд ва дигар чизҳо ва ҳамчунин кашидани чилим, нос ва монанди инҳо рӯзаро фосид месозад ва қазову каффорат ҳар ду лозим меояд.

13. Дар вақти бо об шустани даҳон (мазмаза), агар ба нохост ҳалқашро ғарғара кард ва миқдоре об ба ҳалқаш рафт, дар сурате ки рӯза дар ёдаш бошад, рӯзааш фосид мешавад. Дар ин мавриди танҳо қазо биёварад ва каффорате бар вай воҷиб намегардад.

14. Рӯзадоре рӯзона дар гӯшаш равғани бодом резад ё дар мақъадаш шиёф (марҳам ва дору) ниҳад, дар ин суратҳо рӯзааш фосид мешавад ва қазо лозим меояд, на каффорат, ҳамон гуна ки зикр шуд. Вале агар дар гӯшаш об резад, рӯзааш фосид намешавад.

15. Рӯзадоре бо фаромӯшӣ рӯзаашро бихӯрад ва ба фикри он ки дигар рӯзааш фосид шудааст, қасдан таом хӯрад, бар вай қазо воҷиб мешавад, на каффорат. Агар пас аз қай низ чунин кунад, ҳамин ҳукмро дорад.

16. Рӯзадоре ба чашмаш сурма кашад ё раг занад (хун гирад) ва ё бар сару сурати худ равған молад ва ба гумони ин ки дигар рӯзааш шикастааст, қасдан бихӯрад ё бинӯшад, қазову каффорат ҳар ду бар вай лозим мегарданд.

17. Рӯзадоре худ ба худ қай кунад ё эҳтилом шавад ё бо нигоҳ кардан ба занаш инзол шавад, вале аз ҷиҳати надонистани масъала, ки рӯзааш

[1] Сунани Абудовуд, 2380; Сунани Тирмизӣ, 720; Сунани Ибни Моҷа, 1676.

дар ин ҳолатҳо зарараре намебинад, хаёл кунад, ки рӯзааш фосид гаштааст ва ба он пиндор қасдан бихӯрад ё бинӯшад, қазо бар вай лозим мегардад, на каффорат. Вале агар масъала барояш маълум бошад, ки рӯза дар чунин ҳолат фосид намешавад ва бо ин вуҷуд, бихӯрад ё бинӯшад, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешаванд.

18. Агар бо ҳайвоне расад ва инзол шавад, ё занашро бӯсад ва инзол шавад, рӯзааш фосид мегардад ва танҳо қазо бар вай воҷиб мешавад.

19. Агар бо зӯр ба зане муҷомаат (ҳамбистарӣ) кунад ё дар ҳолати хоб ва ё девонагӣ чунин кунад, рӯзаи зан фосид мешавад ва бар вай қазо лозим аст, на каффорат. Агар мард ҳам рӯзадор бошад, бар вай қазову каффорат ҳар ду лозим мегардад.

20. Шахсе бо кашидани чилим одат дошта ва аз рӯи одат дар моҳи Рамазон чилим кашад, рӯзааш фосид ва қазову каффорат ҳар ду бар вай лозим мегардад.

21. Агар шахси муқиме баъд аз нияти рӯза ба сафар барояд ва пас аз миқдоре роҳ рафтан ба ёдаш ояд, ки чизе аз васоили сафарашро фаромӯш кардааст, вақте барои гирифтани он ба хона баргашт ва дар хона рӯзаашро хӯрд, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешаванд.

ТАЗРИҚИ СӮЗАНДОРУ ДАР МОҲИ РАМАЗОН

Ҳар чизе ки баёнгар ва ба бороварандаи тандурустӣ, нашот ёфтан ва қувват гирифтани бадан бошад ва аз роҳҳои ҳақиқӣ (табиӣ), яъне ҳалқу бинӣ вориди меъда ё шикам ва ё мағз (димоғ) гардад, муфсиди (шиканандаи) рӯза мебошад ва дар сарчашмаҳои шаръ баён шудааст, ҳатто дору ва маҳлулҳои тиббие, ки аз роҳи махраҷ ба рӯдаи ғафс ва дигар рӯдаҳо ворид карда мешаванд, аз қабили имола (клизма) ва шиёф, назди ҷумҳури мазоҳиб рӯзаро мешикананд. Вале ҳамзамон бо пешрафтҳои илми башар дар арсаҳои гуногуни зиндагӣ васоили наве, ба монанди сӯзандору (укол) ва ғ. ихтироъ гардида, ки ба воситаи онҳо доруву дармонҳо аз зери пӯст ва ё аз роҳи мушакҳо ва рагҳои хунгард ба бадан тазриқ (ворид карда) мешаванд. Корбурди ин васоил собиқаи чандон дури таърихӣ надорад ва ҳанӯз дар фиқҳи исломӣ шаклбандии мавзӯии дақиқе дар бораи онҳо ба амал наомадааст. Бинобар ин, аз сӯи донишмандони муосир ва маҷомеи фиқҳии ҷаҳони ислом назарот ва фатвоҳои гуногуне дар бораи онҳо иброз шуда, ки ба таври умум дар се қавл ва ё назар хулоса мешаванд:

1. Баъзеҳо онҳоро бо вуҷуди бороварандаи беҳӣ ва шукуфоии бадан буданашон муфсиди рӯза надонистаанд, чун аз роҳи рагҳо ва гӯшт – манфазҳои ғайри табиӣ вориди бадан мешаванд. Илова бар ин, дору тамоман дохили меъда ва ё мағз намешавад ва агар гоҳе ҳам бишавад, аз гузаргоҳҳои аслӣ ворид нашудааст. Ин донишмандон ғизо ва маводди доруиеро муфсиди рӯза донистаанд, ки аз роҳҳо ва манфазҳои табиӣ вориди шикам ва мағз гарданд.

Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ назари мазҳаби ҳанафиро дар бораи сӯзандору чунин овардааст: «Ҳуқнаҳо (уколҳо)-е, ки дар мушакҳо, зери пӯст ва рагҳои варид (вена) карда мешаванд, рӯзаро фосид намекунанд, аммо беҳтар аст агар имкон бошад онро ба пас аз ифтор ба таъхир андозад. Аммо имола (клизма) кардан рӯзаро мешиканад.[1] Назари соҳиби «Маҳмудул-фатово» низ он аст, ки бо тазриқи ҳеҷ гуна ампул (сӯзандору)-е рӯза фосид намешавад.[2]

Албатта, бояд донист, ки бо ин ҳуқнаҳо вақте рӯза намешиканад, ки маводи ғизобахш ва қувватдиҳандае дар таркиби худ надошта бошанд.

2. Шумори дигаре аз донишмандон ҳадафи тановули ғизо ва маводди доруӣ – муфсидоти аслии рӯзаро, ки эҷоди шукуфоӣ ва қувват пайдо кардани бадан аст, асл қарор дода ва тазриқи сӯзандоруро ба ҳар шакл ва муҳтавое бошад, шиканандаи рӯза донистаанд.

3. Баъзеҳо дар ин масъала назари миёнае иброз доштаанд: Агар тазриқи сӯзандору барои қувват сурат гирад ва ниёзи бадан ба об ва ғизоро ба тавре бароварда созад, рӯзаро мешиканад, дар ғайри ин сурат барои рӯза ҳеҷ зарараре надорад. Ин назар роҷеҳтар ба назар мерасад ва Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти давраи даҳуми худ, ки дар таърихи 23-28 сафари соли 1418 ҳ./28-3 июн ва июли соли 1997 м. дар шаҳри Ҷаддаи Арабис-

[1] Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1712.

[2] Маҳмуду-л-фатово. – Ҷ. 2. – С. 226, 227.

тони Саудӣ баргузор гардид, пас аз шунидани назарот ва таҳқиқоти анҷомшуда аз сӯи Анҷумани тиббии фиқҳи исломӣ ва муҳокимаи мавзӯъ дар бораи муфтирот дар маҷоли дармонӣ (қарори 93 (1/10) қарорҳо ва тавсияҳеро ба тасвиб расонд, ки дар радифи ҳаштуми он омадааст:

Сӯзандоруҳои дармоние, ки аз зери пӯст ё аз роҳи мушакҳо ва рагҳои хунгард вориди бадан карда мешаванд, ба истиснои моеъоти қувватдиҳанда ва маводди ғизобахш, муфсиди рӯза ба шумор намераванд.[1]

ДАР МАВРИДҲОИ ЗЕРИН РӮЗА ФОСИД НАМЕШАВАД:

1. Аз рӯи фаромӯшӣ чизеро бихӯрад ё биёшомад ва ё ҳамбистарӣ намояд, ҳарчанд ин аъмол борҳо аз вай содир шаванд.[2]

2. Дар хоб эҳтилом (ҷунуб) шавад.[3]

3. Ба хонумаш назар намояд ва инзол (баромадани манӣ) шавад.

4. Ба баданаш равған бимолад.

5. Ҳиҷомат (хунгирӣ) намояд.

6. Сурма бимолад ва ё мисвок намояд.

7. Бӯсидан ва дастбозӣ кардан, ба шарте инзол нашавад.

8. Агар касе чизеро, ки дар миёни дандонҳояш боқӣ мондааст, фурӯ барад ва андозааш аз донаи нахӯд хурдтар бошад, рӯзааш фосид намешавад, магар ин ки онро аз даҳонаш берун оварда, сипас аз нав фурӯ барад. Вале агар аз донаи нахӯд калонтар бошад, бо фурӯ бурдани он рӯза фосид мешавад.

9. Рӯзона дар моҳи Рамазон ғусл ва оббозӣ намояд. Абубакр ибни Абдурраҳмон аз яке аз ёрони паёмбар (с) ривоят мекунад, ки *«Паёмбар (с)-ро дидам, ки аз шиддати ташнагӣ ва ё гармӣ бар сараш об мерехт, дар ҳоле, ки рӯзадор буд»*.[4]

Ҳамчунин барои салқинӣ худро ба сачоқ, чодар ва ё порчаи таре печидан рӯзаро намешиканад.

10. Ҳамин тавр, агар шаб ба ҳамсараш ҳамбистар шавад ва ҳанӯз ғусл нокарда, ки субҳ бидамад, ин ҳолат ба рӯзаи вай ҳеҷ зарар намерасонад. Бояд ғусл намояд ва рӯзаашро давом диҳад.

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с)-ро дар моҳи Рамазон, дар ҳоле, ки ӯро аз ғайри эҳтилом ҷанобат расида буд, субҳ фаро мерасид. Вай (ҳамон тавр) ғусл намуда, рӯза медошт»*.[5]

11. Агар кӯдаки ноболиғе дар моҳи Рамазон ҳамроҳи калонсолон рӯза бигирад, вале пеш аз вақти ифтор онро ба ягон сурате бишиканад, ҳеҷ гуна қазо ва каффорате бар вай воҷиб намегардад. Вале агар намозашро фосид намояд, бояд калонсолҳо ӯро роҳнамоӣ кунанд, то намозашро аз сар бихонад. Зеро дар иъодаи намоз ҳеҷ гуна машаққате ҳосил намешавад, вале қазо доштани рӯза боиси машаққат ва сахтӣ мегардад.

12. Истифодаи занон аз қурсҳо (таблеткаҳо) ва дигар доруҳои манъкунандаи ҳайз дар моҳи Рамазон, ба шарте ба саломатии онҳо зарар надошта бошад, ҷоиз аст, ҳарчанд аз назари ислом риояи ҳолати табиии ҳар чиз беҳтар мебошад. Яъне дар ҳолати покӣ рӯзаро гирифтан

---

[1] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори 93 (1/10). Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[2] Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе (рӯзадоре) бо фаромӯшӣ бихӯрад ва бинӯшад, рӯзаашро пурра намояд. Зеро ӯро (дар ин ҳолат) Худо хӯронида ва нӯшонидааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1933, 6669. Сунани Тирмизӣ, 722. Сунани Ибни Моҷа, 1673).

Дар ривояти Тирмизӣ омадааст, ки ***«Касе бо фаромӯшӣ бихӯрад ва ё бинӯшад, рӯзаашро пурра намояд. Зеро он ризқе буд, ки Худо барояш рӯзӣ додааст»***. Дар ривояти Дорақутнӣ омадааст, ки: ***«Вақте рӯзадоре бо фаромӯшӣ бихӯрад ва ё бинӯшад, он ризқе мебошад, ки Худо ба сӯи ӯ равона кардааст. Қазое (дар ин ҳолат) бар вай нест»*** (Сунани Дорақутнӣ, 27. – Ҷ. 2. – С. 178).

Дар ривояти дигаре омадааст: ***«Касе дар моҳи Рамазон бо фаромӯшӣ ифтор намояд (бихӯрад ва бинӯшад), на қазо бар вай бошад, на каффорат»*** (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3521. – Ҷ. 8. – С. 287; Мустадраки Ҳоким, 1569. – Ҷ. 1. – С. 595. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст).

[3] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Се чиз рӯзаи шахсро намешиканад: қай (и ғолиб), ҳиҷомат (хунгирӣ) ва эҳтилом»*** (Сунани Тирмизӣ, 719; Муъҷаму-л-авсат, 4806. – Ҷ. 5. – С. 195; Сунани Куброи Байҳақӣ, 8124. – Ҷ. 6. – С. 232).

[4] Сунани Абудовуд, 2365; Муснади имом Аҳмад, 15944 – Ҷ. 3. – С. 475.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1930, 1931; Саҳеҳи Муслим, 2585 (1109)-76. Дар ин бора ҳадиси дигаре аз Уммисалама (рз) низ ривоят шудааст (Саҳеҳи Бухорӣ, 1932; Саҳеҳи Муслим, 2586 (1109)-77).

ва дар рӯзҳои узри моҳона онро нагирифтан ва пас аз поёни моҳи Рамазон қазои он рӯзҳоро ба ҷой овардани занон ҷараёни табиии ҳолатҳои ҷисмӣ (физиологӣ) ва мутобиқ бо хостаҳои шаръ мебошанд.

13. Хуни истиҳоза низ рӯзаро фосид намекунад.

14. Бо фурӯ бурдани оби даҳон, чӣ миқдоре бошад, рӯза фосид намешавад.

15. Молидани равғану сурма бар сару рӯй ва бӯидани хушбӯиҳо ҷоиз аст, агарчи баъд аз истеъмоли сурма ранги он ҳамроҳ бо обе, ки аз чашм берун меояд, мушоҳида шавад.

16. Ба ҳалқи рӯзадор фурӯ рафтани ҳашарот мисли магас ё дуду ғубор, агар ба қасд сурат нагирифта бошад, рӯзаро фосид намесозад.

МАКРӮҲОТИ РЎЗА

1. Чашидани тамъи ашё, ба монанди дорувор̄и, ғизо ва ғайра.

2. Хоидани чӯбе ба баҳонаи мисвок.

3. Бӯсидан ва дастбоз̄и кардан бо зан, дар сурате ки ба худ итминон надошта бошад.

4. Агар барои шахси рӯзадор беирода қай ояд, хоҳ кам бошад, ё зиёд, рӯзааш фосид намешавад, вале агар қасдан қай кунад, дар сурате ки кам бошад, рӯзааш фосид намешавад, вале агар ба миқдори пурии даҳон бошад, рӯза фосид мегардад ва қазо лозим меояд, на каффорат, ҳамон гуна ки дар ин бора гузашт.

5. Агар даҳони рӯзадор хун гирад ва бо оби даҳон ҳамроҳ гардад, он гоҳ онро фурӯ барад, бинигарад: агар хун ғолиб бошад ва маззаи онро фаҳмад, рӯзааш фосид мешавад. Бояд қазои онро ба ҷо оварад. Вале агар хун ғолиб набошад ва маззаи онро низ эҳсос накунад, рӯзааш фосид намегардад.

6. Чашидани таъми хӯрок бидуни фурӯ бурдани он, рӯзаро фосид намекунад, вале бе зарурат макрӯҳ мебошад.

7. Бо даҳон хоида нарм (маҳлул) кардани хӯрок барои тифл дар ҳолати зарурат ҷоиз аст ва бе зарурат ва узре макрӯҳ мебошад.

8. Бо мисвоки табиӣ мисвок кардани дандонҳо, агарчи талхии он маълум шавад ҳам ҷоиз аст, вале бе зарурат истифодаи хамираи дандоншӯй̄ макрӯҳ аст. Агар аз хамираи дандоншӯй̄ (паста) чизе ба ҳалқ фурӯ равад, рӯза фосид мегардад ва қазо лозим меояд.

Мисвок кардан ва покиза нигоҳ доштани даҳон ва дандонҳо яке аз суннатҳои расули Худо (с) мебошад. Он ҳазрат (с) ҳам дар ҳолати рӯзадор̄и ва ҳам берун аз он ҳамеша даҳони худро мисвок мекард.

9. Дар моҳи Рамазон, агар иттифоқан рӯзаи шахсе фосид шавад, бақияи он рӯз бояд аз хӯрдану нӯшидан ва амалҳои хилофи рӯза худдор̄и намояд.

10. Шахсе дар моҳи Рамазон нияти рӯза накарду хӯрд, бар вай танҳо қазо воҷиб мешавад, вале агар нияти рӯза карду хӯрд, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешавад.

11. Агар дар сӯрохи мардии худ доруе резад, аз сабаби нарасидани он дору ба шикам рӯза фосид намешавад.

12. Ҳамчунин хоидани сақич, агар ба он маводи хушташмкунанда ё хушбӯкунандае илова нашуда бошад, бо кароҳият ҷоиз аст, зеро он даҳон ва дандонҳоро то андозае тоза нигоҳ медорад. Аммо он сақичҳое, ки имрӯз бо номи жвачка маъмул гаштаанд, ба онҳо маводди дигаре барои хушташмӣ ва хушбӯй̄ илова шудааст ва агар оби даҳонашро пас аз хоидани ин навъ сақич (жвачка) фурӯ барад, рӯзааш фосид мешавад. Ба ҳар ҳол, нахоидани сақич дар моҳи Рамазон беҳтар аст, зеро мардум ӯро дар он ҳолат рӯзахӯр гумон мекунанд ва нисбат ба вай бадгумон мешаванд.

НАГИРИФТАНИ РЎЗАИ МОҲИ МУБОРАКИ РАМАЗОН БАРОИ ЧӢ КАСОНЕ ИҶОЗАТ АСТ

Мусофире, ки намозҳои чаҳорракъатиро дар сафар ду ракъат мехонад, дар он сафар рӯза намегирад, вале бояд қазои онро пас аз баргашт ба ҷо оварад ва мусофире, ки намозашро тамом мехонад, монанди касе, ки кори ӯ сафар аст, бояд дар сафар рӯзаашро бигирад. Вале дар сафаре, ки рӯза боиси машаққат нагардад, гирифтани рӯза беҳтар аст.

Беморе, ки тарс дорад, ки бо рӯза гирифтан бемориаш зиёд мешавад, рӯза нагирад ва қазои онро пас аз барқарор шудани саломатиаш ба

ҷо оварад. Вале агар рӯза гирифтан ба беморӣ ӯ зарар надошта бошад, беҳтар аст, ки рӯза бигирад.

Занони ҳомила ва ширдиҳанда, агар аз ҳалокати хеш ё тифлонашон бим дошта бошанд, ҷоиз аст дар моҳи мубораки Рамазон рӯза нагиранд, вале бояд қазои онро ба ҷо оваранд.

Ҳоиз ва нуфасоро ҷоиз нест рӯза бигиранд, вале пас аз ба поён расидани давраи ҳайз ва нифосашон бояд қазои онро ба ҷо оваранд.

Касе, ки бар асари пирӣ наметавонад рӯза бигирад ва баъд аз моҳи мубораки Рамазон ҳам наметавонад қазои онро ба ҷой оварад, ҳамчунин беморе, ки то охири умр ба саломатиаш умеде нест, метавонанд дар моҳи мубора ки Рамазон рӯза нагиранд, вале бояд барои ҳар рӯзаш фидя диҳанд. Фидя он аст, ки ҳар рӯз як мискинро таом диҳанд.

Худованд дар ин бора мефармояд:

وَعَلَى ٱلَّذِينَ يُطِيقُونَهُۥ فِدْيَةٌ طَعَامُ مِسْكِينٍ

«Ва бар касоне, ки (бар асари пирӣ ва заъфу нотавонӣ) бо сахтӣ метавонанд рӯза гиранд, фидя додан аст (ба андозаи) таоми (як) мискин…».[1]

Ҳар гоҳ дар рӯзи моҳи мубораки Рамазон тифле болиғ гардад ё кофире мусулмон шавад, лозим аст дар рӯзҳои боқимонда рӯза бигирад.

[1] Сураи Бақара, 2:184.

Фасли севвум

КАФФОРАТИ РЎЗА

Каффорат ҷаримаест, ки барои ҷуброни рӯзаи фосидшуда муайян шудааст ва он бо дарназардошти ҳолатҳои молӣ ва ҷисмии шахси рӯзадор ба се навъ тақсим мешавад:

1. Озод кардани як ғулом;

2. Агар ба озод кардани як ғулом қодир набошад, ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад;

3. Агар қудрати рӯза гирифтан ҳам надошта бошад, пас ба шаст мискин барои субҳу шом таом диҳад.

Гар касе қасд кард дар хӯрдан,
Ба наҳору муҷомаат кардан.

Шаст мискинро таом бояд дод,
Ё яке банда карданаш озод!.

Ё ду моҳ рӯза паёпай дор,
То шавӣ аз ҳаёт бархӯрдор!.

Каффорати рӯза вақте бар шахс воҷиб мегардад, ки рӯзаи моҳи Рамазонро бо яке аз се мамнӯоти қатъӣ – хӯрдан, нӯшидан ва ҳамбистарӣ фосид намуда ва дар вай шартҳои зерин фароҳам омада бошанд: 1. Синну сол ва шароити дигари таклиф[1] дар вай мавҷуд бошанд, 2. рӯзаи моҳи Рамазонро аз шаб ният карда бошад, 3. пеш аз фосид намудани рӯза ва ё баъд аз он чизе аз узрҳое, ки ифторро ҷоиз мегардонанд, ба вуҷуд наомада бошад, 4. бо икроҳ ва маҷбурӣ набошад, 5. қасдан ва бе фаромӯшӣ сурат гирифта бошад, 6. хато накарда бошад ва ҳамчунин дар ҳолати изтирорӣ қарор надошта бошад.

Бинобар ин, кӯдаки ба балоғат нарасида ва ҳамин тавр болиғе, ки пас аз дамидани субҳ нияти рӯза карда бошад, агар рӯзаашонро фосид намоянд, бар онҳо каффорате воҷиб намегардад. Шахси рӯзадор агар сафар намояд ва пас аз он рӯзаашро бихӯрад, бар вай каффорате воҷиб намегардад, зеро сафар аз узрҳои шаръие аст, ки хӯрдани рӯза бо он ҷоиз мегардад.[2] Ва ё пас аз он ки рӯзаашро қасдан хӯрд, бемор шавад ва зан ҳайз бинад, дар ин суратҳо низ бар вай каффорате воҷиб намегардад, зеро ҳоло барояш шароите пеш омадааст, ки ногузир рӯзаашро мехӯрад.

Ҳамчунин агар рӯзадореро маҷбуран бихӯронанд ва ё бо фаромӯшӣ ва ё ба ваҷҳи хато ва ё дар ҳолати изтирорӣ рӯзаашро бихӯрад, дар

[1] Таклиф -/ҳо; таколиф/. дин: дар истилоҳи диншиносӣ такомули зарфиятҳои зеҳнӣ ва шароити синну солие мебошад, ки бо фароҳам омадани онҳо дар шахс мавриди хитоби амрҳои динӣ қарор мегирад, ба монанди синну соли балоғат, камоли ақлӣ ва ғ.. Бинобар ин, таклифҳои шаръӣ аз кӯдаки ноболиғ, одами ноқисулақл ва ҳар каси дигаре, ки шароити шаръии таклиф дар вай фароҳам набошанд, бардошта мебошанд.

[2] Сафар яке аз узрҳои шаръӣ аст, ки бо таносуби ҳоли шахс гирифтан ва нагирифтани рӯза ҳар ду дар он ҷоиз мебошад. Агар шахсе пеш аз сафар нияти рӯза намояд ва пас аз баромадан ба сафар рӯзаашро бихӯрад, бар вай танҳо қазо воҷиб мегардад, на каффорат. Зеро бо ин узр метавонист тамоман рӯза нагирад.

Аммо агар рӯзаро бихӯрад ва пас аз он ба сафар барояд, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мегарданд. Зеро рӯзаро пеш аз ба вуҷуд омадани узре фосид намудааст, ки гирифтан ва нагирифтани рӯза ҳар ду дар он ҷоиз аст. Агар рӯзаашро пеш аз ба вуҷуд омадани сафар бихӯрад, ин узри шаръӣ – сафар дар соқит шудани каффорат аз вай таъсире надорад.

Дар мавриди ҳайзу нифос ва беморӣ бошад, масъала каме фарқ мекунад, зеро дар сурати ҳайзу нифос рӯза доштан шаръан мамнӯъ аст ва дар ҳолати беморӣ имкони идомаи он боқӣ наемонад. Аз ин рӯ, вақте рӯзаашро фосид намояд ва пас аз он ин узрҳо пеш оянд, каффорате бар вай воҷиб намегардад.

ин ҳолатҳо низ бар вай каффорате воҷиб намегардад. Хато ин аст, ки мас., шахсе ба гумони ин ки ҳанӯз субҳ надамидааст, саҳарихӯриро идома диҳад ва баъдтар маълум шавад, ки субҳ кайҳо дамидааст ва ё дар рӯзи абрӣ ба гумони ин ки офтоб нишастааст, ифтор намояд ва пас аз каме маълум гардад, ки ҳанӯз офтоб нанишастааст. Ё дар вақти вузӯ даҳонашро обгардон намояд ва миқдоре об ба ҳалқаш фурӯ равад.

Ин корҳо аз вай на қасдан сурат гирифта ва на саҳван – бо фаромӯшӣ сар задаанд, зеро дар тамоми ин суратҳо рӯзааш дар хотираш буд, вале дар суратҳои аввал дар таъйини дақиқи дамидани субҳ ва ё нишастани офтоб ба хато роҳ додааст ва дар сурати ахир миқдоре об ба таври хато ба ҳалқаш фурӯ рафтааст.

Дар тамоми суратҳои зикршуда, ба ҷуз кӯдаки ба балоғат нарасида, қазо ҳатман бар шахс воҷиб мегардад, вале каффорат надоранд. Зеро каффорат аз ҷониби шаръ дар сурати камоли ҷиноят дар фосид намудани рӯза пешбинӣ шудааст ва он бо таҳаққуқи шартҳои номбурда ба вуҷуд меояд.

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, барои ҷуброни рузаи фосидшуда дар моҳи Рамазон илова бар қазои он рӯзе, ки фосид шудааст, дар маҷмӯаи қонунгузории шаръ ҷаримае ҳам бо номи каффорат пешбинӣ шудааст, зеро дар ин ҳолат ҳатки ҳурмати моҳи Рамазон – фаризаи худовандӣ – ва беэҳтиромии ошкоре нисбат ба муқаддасоти ислом сурат гирифтааст. Вале аз он ҷо ки ин чорабинӣ ба унвони ҷарима ва ба сурати ҷазое пешбинӣ шудааст, шариат доираи онро хеле маҳдуд намуда, ҳолатҳои воҷиб гардидани онро бо шартҳои амалие вобаста кардааст, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ кам ба вуқӯъ меоянд.

Ба ин маъно, ки каффорат вақте бар шахс воҷиб мегардад, ки дар моҳи Рамазон рӯзона қасдан бе ҳеҷ гуна узри шаръӣ ва ё шубҳае аз вуҷуди узрҳо рӯзаашро, ки тамоми шартҳои камол дар он таҳаққуқ ёфта бошанд, бо яке аз се мамнӯоти рӯза: хӯрдан, нӯшидан ва ё ҳамбистарӣ ба таври комил фосид намояд. Аммо агар камоли шаръӣ дар яке аз ашёи номбурда мавҷуд набошад, мас., аз шаб нияти рӯза накарда бошад[1] ва ё рӯз ҳанӯз равшан нагашта бошад, яъне шубҳаи бақои шаб ӯро ба ин кор водошта бошад ва ё пеш ё пас аз фосид намудани рӯза яке аз узрҳои шаръӣ барояш пеш ояд ва ё амали ҳамбистариро дар ҷои худ анҷом надиҳад[2] ва ё чизеро, ки хӯрда ва ё нӯшидааст, маъмулан аз ашёи хӯрокӣ ва маводи дорӯй набошад, ба монанди фурӯ бурдани сангреза, гарду ғубор, пашша ва ғ., дар тамоми ин суратҳо каффорате бар шахс воҷиб намегардад.

Шоёни зикр аст, ки ҳукми каффорати рӯзаи моҳи Рамазон бо суннати расули Худо (с) собит шудааст. Ривоят шудааст, ки ***«Марде назди паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй пасули Худо (с), ҳалок гардидам. Гуфт: Чӣ чиз туро ҳалок сохт? Гуфт: Дар моҳи Рамазон ба занам наздикӣ намудам. Фармуд: Оё гуломеро озод карда метавонӣ? Гуфт: Не. Фармуд: Оё ду моҳ паёпай рӯза дошта метавонӣ? Гуфт: Не. Фармуд: Оё чизе меёбӣ, ки шаст мискинро таом диҳӣ? Гуфт: Не. Пас аз он бинишаст. (Дар ин вақт) ба назди паёмбар (с) сабади хурмое оварда шуд. Фармуд: Инро бигир ва садақа***

Рамазон ҳамон гуна ки шабона ҷоиз мебошад, рӯзона низ то пеш аз завол дуруст мегардад. Агар касе шабона то дамидани субҳ бедор нашавад, метавонад пас аз дамидани субҳ то пеш аз завол вақте чизе нахӯрда бошад, нияти рӯза намояд ва бо ҳамин рӯзааш дуруст мегардад. Вале аз назари бузургони шофеъӣ ва аксари аҳли илм шабона бастани ният шарт аст ва агар он шабона то пеш аз дамидани субҳ баста нашавад, рӯзаи шахс дуруст намегардад. Зеро аз Ҳафса (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Касе барои рӯза пеш аз дамидани субҳ (аз шаб) ният накунад, барояш рӯзае нест»*** (Сунани Абудовуд, 2454. Сунани Тирмизӣ, 730. Сунани Насоӣ, 2330-2342).

Машоихи ҳанафӣ ин ҳадисро ба шароити камоли рӯза ҳамл намуда ва ниятро аз шаб хуб ва афзал донистаанд. Вақте шахс аз шаб нияти рӯза накарда бошад, ҳарчанд нияти вай то пеш аз завол дуруст мегардад, вале аз он ҷо ки яке аз шароити камоли савм барояш таҳаққуқ наёфтааст, бо фосид намудани он каффорате бар вай воҷиб намегардад.

Лек мар вақтиву навофилро,
То ба пеш аз завол ҳаст раво.

Ҳамчунин гар халал талаб накунӣ,
Нияти рӯза ҷуз ба шаб накунӣ!.

2 Агар амали ҳамбистариро дар ҷои муқаррарии худ анҷом надиҳад, балки ба сурати тафхиз, истимно ва ғайра ниёзи ҷинсии худро бароварда созад, дар ин сурат бар вай каффорате воҷиб намегадад, балки фақат қазои рӯза бар вай воҷиб аст.

[1] Назди машоихи мазҳаби ҳанафӣ нияти рӯзаи моҳи

кун. Гуфт: Оё бар фақиртар аз худам? Қасам ба Худо, дар миёни ду доманае, ки шаҳри Мадинаро дар иҳотаи худ гирифтаанд, хонадоне мӯҳтоҷтар ба он аз аҳли байти ман вуҷуд надорад. Паёмбар (с) хандид, то он ки дандонҳои пешаш намудор гаштанд, он гоҳ фармуд: Бирав ва онро ба аҳли хонаводаат бидеҳ».[1]

Вале навъҳои дигари каффоратҳо: каффорати зиҳор, каффорати қатли ба хато, каффорати савгандшиканӣ ва каффорати қатли сайди Ҳарам дар вақти эҳром бо насси қуръонӣ собит шудаанд. Каффорати зиҳор бо оятҳои 3 ва 4 сураи Муҷодала, каффорати қатли ба хато бо ояти 92-юми сураи Нисо, каффорати савгандшиканӣ бо ояти 89-уми сураи Моида ва каффорати қатли сайд бо ояти 95-уми сураи Моида собит шудааст.

Каффорати рӯзаи моҳи Рамазон бо суннат собит шуда ва насси сареҳ дар ин замина танҳо ҳолати муҷомаат ва ҳамбистариро дар бар мегирад, вале машоихи ҳанафӣ ҳукми каффорати ифсоди рӯза ба василаи хӯрдан ва нӯшиданро бо қиёс ба он собит намудаанд. Зеро ҳар се мамнӯоти қатъии рӯза: хӯрдан, нӯшидан ва ҳамбистарӣ бо оят муайян гардидаанд. Аммо аз он ҷо ки насси каффорати рӯза танҳо ҳолати ҳамбистариро дар бар мегирад, бузургони шофеъӣ каффоратро дар боби ифсоди рӯза танҳо ба ҳамон мавриди нас(с) маҳдуд дониста ва дар мавриди ифсоди рӯза бо хӯрдану нӯшидан ҳеҷ гуна каффоратеро воҷиб нагуфтаанд.

Тафсили баъзе масоили ин боб дар фаслҳои баъдӣ баён мегардад ва суратҳои гуногуне дар ин бора зикр мешаванд, вале дар баъзе мавридҳо барои дарки дурусти ин масоил беҳтар аст ба коршиносони соҳа ва донишмандони фиқҳ мурочиат шавад.

ТАФСИЛИ МАСОИЛЕ ДАР БОРАИ КАФФОРАТ

1. Агар бо сабабҳои дигаре ғайр аз ҳамбистарӣ – ба сабаби хӯрдан ва нӯшидан бар рӯзадор каффорате воҷиб гардад ва ҳанӯз он каффоратро напардохта, ки каффорати дигаре бар вай воҷиб гардад, барои ҳар ду додани як каффорат кифоя аст, агарчи дар ду рамазон иттифоқ афтода бошанд. Аммо, агар ба воситаи ҳамбистарӣ бар вай чанд каффорат воҷиб гашта бошад ва ҳама дар як Рамазон ба амал омада бошанд, додани як каффорат барои ҳама кифоят мекунад, вале агар дар ду Рамазон ба вуҷуд омада бошанд, як каффорат барои онҳо кифоят намекунад, бояд ду каффорат диҳад.[2]

2. Агар касе рӯзаи як рӯзи Рамазонро пас аз ният бе ҳеҷ гуна беморӣ ва узри шаръие қасдан бихӯрад, бояд ҳам қазои он рӯз ва ҳам каффорати онро ба ҷо оварад.

Он ду моҳ рӯза адо кардан,
Он чи хӯрдаст ҳам қазо кардан.

Вақте барои адои каффорат аз миёни се навъи он – озод сохтани ғуломе ва ё таом додани шаст мискин – рӯзаро ихтиёр намояд, пас бояд ду моҳро паёпай рӯза бигирад. Ба шарте дар миёни он ду моҳ як-ду рӯзро бихӯрад, бояд аз сари нав ду моҳ рӯза бигирад. Албатта, рӯзҳои ҳайз барои занон муъоф (бахшуда) аст. Агар зане дар миёни ду моҳи рӯзаи каффорататаш ҳайз бинад, бақияи онро пас аз пок гаштанаш идома медиҳад.

3. Агар ба сабаби нифос аз паёпай гирифтани рӯза бозмонад, пас аз покӣ бояд аз нав ду моҳро паёпай рӯза бигирад. Нифос ҳарчанд узри шаръӣ ҳам бошад, дар вақтҳои дигар метавонад паёпай ду моҳ рӯза бигирад, вале дар ҳолати ҳайз чунин имконро надорад. Барои ҳамин дар миёни он ду ҳолат фарқ гузошта шудааст.

4. Барои каффорат, агар таом додани шаст мискин ба ҳолаш мувофиқ бошад, агар таоми омода диҳад, пас ҳар мискинро ба андозаи ду вақт хӯрок – субҳу шом то хуб сер шудан таом диҳад.

5. Агар нони гандуми холис бошад ҳам, кифоя мекунад ва агар ғайри нони гандум бо-

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1936, 1937. Саҳеҳи Муслим, 2590 (1111)-81.

[2] Дар бораи касе, ки рӯзаашро бо ҳамбистарӣ дар ду Рамазон фосид кардааст, дар зоҳири ривоятҳои мазҳаб ду қавл вуҷуд дорад: 1. як каффорат барои ҳар ду ҷиноят кифоя мекунад, 2. барои ҳар ду каффорати алоҳида воҷиб аст (Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 254. Туҳфатулфуқаҳо. – С. 175. Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абуаҳмад маъруф ба Алоуддини Самарқандӣ. – Бейрут. Минбаъд: Туҳфатулфуқаҳо).

шад, бояд онро бо хӯрише ҳамроҳ намояд.

6. Дар сурате ки барои шаст мискин ба ҷои таом гандум, ҷав ва ё хурмо диҳад, ҷоиз аст ва ба ҳар яке ба миқдори садақаи Фитр – ним соъ – дода шавад. Додани қимати гандум, хурмо ва ғайра низ ҷоиз мебошад.

7. Касеро аз ҷониби худаш барои додани каффорат вакил гардонад ва ӯ низ ба навбати худ каффоратро бипардозад, ҷоиз аст, вале агар касе бе ваколат каффорати шахсеро бидиҳад, ҷоиз намешавад.

8. Метавонад ба ҷои шаст мискин як нафар мискинро шаст рӯз таом диҳад.

9. Дар таом додан пай дар пай будани хӯрок шарт нест. Бинобар ин, агар мискинеро чанд рӯз таом диҳад ва чанд рӯзи дигар таътил намояд, вале саранҷом шаст рӯзро комил гардонад, дуруст аст.

10. Агар миқдори каффорати шастрӯза ё қимати онро якбора ба мискине бидиҳад, ҷоиз нест.

11. Агар аз миқдори садақаи Фитр камтар бидиҳад, низ ҷоиз нест.

12. Дар пардохти фидяе, ки барои пирамарди солрафта пешбинӣ шудааст ва дар таоми каффоратҳо, ки ба сурати хӯрокворӣ ва ё ғаллагиҳо бароварда мешаванд, тамлик шарт нест, вале дар садақаи Фитр ва закот тамлик шарт аст. Назари фақеҳон ин аст, ки пардохтҳо дар ҳар ҷое аз нусуси шаръ бо калимаи таом (طعام) ва итъом (إطعام) зикр шуда бошанд, дар онҳо тамлик ва мубоҳият ҳар ду ҷоиз ҳастанд ва дар ҳар ҷое бо калимаи додан (الإيتاء) ва ё адо (الأداء) зикр шуда бошанд, дар онҳо тамлик шарт аст. Бинобар ин, агар барои шаст мискин таоме омода намояд ва дар пеши онҳо бигузорад, барои иброи зиммааш кифоя мекунад, шарт нест, ки онро ба дасти якояки онҳо бисупорад ва онҳо қабз намоянд.

РӮЗАИ ҚАЗО

Бемор ва мусофир дар сафари шаръӣ метавонанд рӯзаи моҳи Рамазонро ифтор кунанд, вале пас аз солим ва муқим гаштанашон бояд қазои онро ба ҷо оваранд. Нагирифтани рӯзаи моҳи Рамазон дар чунин ҳолатҳо ва пас аз он ба сурати қазо ба ҷо овардани он шаръан ҷоиз мебошад ва ҳеҷ гуноҳе надорад. Худованд мефармояд: **«Касе аз шумо бемор ё дар сафар бошад (ва рӯзаи моҳи Рамазонро ифтор намояд), пас аз он чанд рӯзи дигареро (ба ҷои он) рӯза бидорад».**[1]

Аммо бе ҳеҷ гуна узри шаръие хӯрдани рӯзаи моҳи Рамазон гуноҳи бузург мебошад ва банда дар он сурат аз ҷумлаи фосиқон ба шумор меравад. Аммо бо вуҷуди гунаҳгор гаштанаш фарзи Худо аз вай соқит намешавад ва бояд онро ба сурати қазо ба ҷой оварад.

Ба ҳар ҳол, касе рӯзаро дар вақташ нагирад, бояд рӯзҳои дигаре ба ҷои он рӯза бигирад. Пас рӯзае, ки баъд аз вақти он ба ҷо оварда мешавад, рӯзаи қазо ном дорад.

Дар рӯзаи қазо пай дар пай рӯза гирифтан шарт нест. Агар бихоҳад пай дар пай онро ба ҷо оварад ва агар бихоҳад ҷудо-ҷудо рӯза бигирад, вале бе узре ба таъхир андохтани он гуноҳ аст ва бояд ҳарчи зудтар ба ҷо оварда шавад.

Дар сурате рӯзаи қазоро то моҳи мубораки Рамазони баъдӣ ба таъхир андозад, аввал бояд рӯзаи моҳи мубораки Рамазонро гирифта, баъд аз он рӯзаи қазои соли гузаштаашро ба ҷо оварад, барои ин кор ба ӯ фидя лозим намегардад.

Касе, ки рӯзаи қазоро ба ҷо наоварда, маргаш фаро расад, аз Худованд талаби омурзиш намуда, барои валии хеш васият кунад, то барои ҳар рӯзаш як мискинро таом диҳад.

Барои гирифтани рӯзаҳои қазоӣ вақти муайяне пешбинӣ нашудааст, онҳоро дар тамоми сол, ба ҷуз моҳи Рамазон ва айёми наҳйшуда, метавонад ба ҷой оварад. Вале агар қазои ду Рамазон бар зиммааш бошад, дар ин сурат муайян намудани онҳо ба вақти қазо лозим аст.

Дар рӯзаи қазоӣ ният аз шаб шарт аст. Агар баъд аз дамидани субҳ ният кунад, рӯзааш нафл ҳисоб мешавад ва каффоратро низ ҳамин ҳукм аст.

Агар чанд рӯз рӯзаро қазо карда бошад, ихтиёр дорад, ки қазои он чанд рӯзро пай дар пай бигирад, ё ҷудо.

Шахсе дар моҳи Рамазон нияти рӯза карду беҳуш гашт ва ин ҳолати вай аз се рӯз бештар идома пайдо кард, ҳамагӣ ду рӯзро бояд қазоӣ бигирад. Агар дар шаб беҳуш шуд, низ ду рӯз қазо бигирад, магар ин ки дар шаб нияти рӯза накарда бошад ё субҳ ба ҳалқаш дору рехта бошанд, дар ин сурат ҳар се рӯзро қазоӣ бигирад. Агар тамоми моҳро беҳуш монд, бояд ҳамаи

[1] Сураи Бақара, 2: 184.

моҳро қазо ба ҷо оварад.[1] Аммо агар девона шавад, ба имтидоди муддати девонагӣ бастагӣ дорад, агар он тамоми моҳи Рамазонро фаро гирад, рӯза аз зиммааш соқит мегардад ва қазое надорад ва дар камтар аз он қазои рӯза бар вай воҷиб мебошад.

Занҳое, ки дар моҳи Рамазон курсҳои (таблетка) манъи ҳамл ва зидди бордорӣ мехӯранд ва тамоми моҳи Рамазон ҳайз намебинанд, рӯзаи тамоми он моҳи онҳо дуруст аст.

МАСОИЛИ МУОСИР ДАР БОБИ РЎЗА

Дар асоси пешрафтҳои густардае, ки дар бахшҳои гуногуни илми тиб(б) дар чанд даҳаи ахир ба вуҷуд омадааст, тағйироти куллие дар тарзи ташхиси беморон, гирифтани таҳлил (анализ)-ҳои гуногун ва ҳамчунин дастгоҳҳои ташхисӣ ва табобатӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон бо ин дигаргуниҳо масоил ва рӯйдодҳои тозае дар ҳаёти башар ба вуҷуд омада ва шахси мусулмон ҳатман мехоҳад ҳукми онҳоро аз назари шариат бидонад. Бо дарназардошти ин ниёзи ҷомеа ва ба андозаи имконот ва тавоноиҳои илмии худ ба чанд масъалаи муосир дар боби рӯза равшанӣ андохтем.

Шоёни зикр аст, ки масоил ва ҳаводиси тозае, ки имрӯз дар арсаҳои гуногуни зиндагӣ барои инсон зуҳур кардаанд, бо такя ба усул ва қавоиде, ки аз сӯи шариат дар ин боб пешбинӣ шудаанд ва бо истифода аз назароти фиқҳии донишмандони салаф ва бузургони дин мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

1. Маънои ҷавф ва димоғ аз назари фақеҳон

а) Пеш аз ҳама, мекӯшем ба маънои ҷавф (шикам) аз назари фақеҳон равшанӣ андозем, зеро ҳар чизе ба шикам фурӯ равад, аз назари фиқҳӣ муфсид ва шиканандаи рӯза ба шумор меравад. Қуръони карим хӯрдан ва нӯшиданро шиканандаи рӯза ҳукм кардааст ва аз назари анатомӣ ба таври дақиқ маълум аст, ки дастгоҳи ҳозима ва узвҳое, ки системаи умумии қабул ва коркарди ғизо ва тағзияи баданро ташкил медиҳанд, иборатанд аз: а) даҳон, б) ҳалқ, в) сурхной, г) меъда, д) рӯдаи дувоздаҳангушта, ж) рӯдаҳои борик, з) рӯдаи ғафс ва л) рӯдае, ки ба мақъад пайваст мебошад.

Аз ин тақсимбандии илмӣ бармеояд, ки хӯрдану нӯшидан ва тағзияи бадан ба воситаи ҳамин узвҳо ҳосил мешавад ва танҳо ҳамон чизе шиканандаи рӯза ба шумор меравад, ки аз тариқи ҳалқ ба меъда бирасад, вале фақеҳони киром маънои тағзияро васеътар аз ин гирифта ва ҳар чизеро, ки ба шикам ворид шавад, онро шиканандаи рӯза донистаанд, хоҳ ба дастгоҳи ҳозима ворид шуда бошад, хоҳ ба дигар ковокиҳои дохили шикам. Ҷавф ҳам дастгоҳи ҳозима (меъда, рӯдаи ғафс ва ғайра) ва ҳам дигар ковокиҳои шикамро дар бар мегирад.

Ба ақидаи онҳо аз тариқи дастгоҳи ҳозима ва дигар узвҳое, ки муҳимтарин вазифаи ҷисмони (физиологи)-и онҳо қабул ва коркарди ғизо мебошад, тағзияи комил сурат мегирад, вале аз тариқи дигар узвҳои дохили шикам низ тағзияи нисбӣ ҳосил мешавад ва манзури оят аз хӯрдану нӯшидан низ тағзияи дохилӣ мебошад.

Илми тибби муосир низ ин мавқеъро таъйид менамояд ва тағзияи нисбӣ аз тариқи ғайри системаи ҳозима, яъне аз тариқи дигар узвҳои дохилиро ба исбот расонидааст. Мас., агар ба зери пардаи рӯи шикам глюкоза ва дигар маҳлулҳои ғизобахш ворид карда шавад, ҷисм аз тариқи ҳамон парда нерӯи худро барқарор менамояд.

Назари ҷумҳури аҳли суннат он аст, ки бо расидани чизе ба ҷавф (шикам) рӯза фосид мешавад ва ҷавфро шомили меъда, узвҳои марбут ба тағзия ва дигар ковокиҳои шикам медонанд.

б) Ғайр аз ин фақеҳон расидани дору ва ҳар гуна маҳлулҳои ғизобахшро ба димоғ низ шиканандаи рӯза донистаанд ва манзури онҳо аз димоғ мағзи сар ва тамоми бофтаҳои асабие мебошанд, ки дар дохили косаи сар ҷойгир шудаанд. Ба ақидаи ҷумҳури фақеҳони мазҳабҳои аҳли суннат димоғ яке аз ковокиҳои бадан буда, аз он ба шикам роҳ ва манфазе вуҷуд дорад. Бинобар ин, ҳар чизи моеъ ва дорои арзиши ғизоие ба димоғ бирасад, он низ шиканандаи рӯза ба шумор меравад.

[1] Рӯза бо ният ба ҷо меояд. Вақте дар рӯзи аввал хоҳ аз шаб хоҳ аз саҳарӣ нияти рӯза намуда ва бо ҳамин беҳуш гашта бошад ва то бегоҳ ба ҳамон ҳол боқӣ монда, рӯзаи он рӯзаш дуруст мегардад. Аммо дар ду рӯзи дигар ӯ беҳуш буд, то нияти рӯза намояд. Бинобар ин, ҳамон ду рӯзи баъдиро қазо меоварад.

Ба ақидаи баъзе фақеҳон аз димоғ ба шикам ҳеҷ гуна манфаз ва роҳе вуҷуд надорад, вале димоғ қобилияти таъсирпазирӣ ва касби қувват ва заъфро ба андозае ба таври мустақил дорад. Бинобар ин, ворид шудани дору ва дигар ашёи ғизобахш ба димоғ шиканандаи рӯза ба шумор меравад.

в) Маводди доруворӣ ва дигар маҳлулҳои давоӣ дар назди ҷумҳури аҳли суннат ҳукми маводди ғизоиро доранд ва бо расидани онҳо ба шикам ва ё димоғ рӯза фосид мешавад. Зеро дар ин ҳолат маънои тағзия ва нашоти бадан амалан таҳаққуқ меёбад

г) Ашёи дигаре, ки арзиши ғизоӣ надоранд, ба монанди оҳанпора, гилпора ва ғайра ва ё маъмулан ба он тарз хӯрда намешаванд, ба мисли меваҳои хом, зироатҳои нопухта ва ғайра, вақте қасдан фурӯ бурда шаванд, онҳо низ рӯзаро фосид мекунанд. Зеро маънои хӯрдан дар ин ҳолат суратан таҳаққуқ ёфтааст.

д) Дар баробари гуфтаҳои боло, ки дар онҳо назари фиқҳии мазҳабҳои аҳли суннат дар бораи маънои калимаи ҷавф (шикам) ва димоғ (мағзи сар) ба таври фишурда баён гардид, дидгоҳи дигари фиқҳие низ вуҷуд дорад, ки ҳанӯз дар марҳалаҳои шаклгирии худ қарор дошта, ба сурати мазҳаб ва ё раъйи мустақилле дар ин мавзӯъ надаромадааст. Он иборат аст аз ин ки ҳар чизе ба дастгоҳи ҳозима ва дигар узвҳое, ки бевосита ба коркард ва тағзияи бадан марбут мебошанд, ворид шавад, рӯзаро фосид месозад ва чизе, ки ба дигар ковокиҳои шикам ва ҳамчунин, ба димоғ ворид шавад, он рӯзаро фосид намесозад.

Ҳамчунин дидгоҳи дигаре низ вуҷуд дорад, ки маводи доруворирро комилан муфсиди рӯза эътибор намекунад. Зеро онҳо маъмулан дар ҳукми хӯрданиҳо ва ё маводи ғизоӣ дохил намебошанд ва дар шариат низ насс (далел)-и сареҳе наомадааст, ки онҳоро дар ҳукми маводи ғизоӣ қарор дода бошад ва ё ҳукми муфсиди рӯза будани онҳоро муайян карда бошад.

Бо вуҷуди он ки амал кардан ба назароти фиқҳии донишмандони муосир шаръан ҳеҷ мушкилеро ба вуҷуд намеоварад, зеро онҳо дар ин масоил, ки аз ҷумлаи масоили иҷтиҳодӣ ба шумор мераванд, ба назари фиқҳии илман дақиқтаре даст ёфтаанд. Вале амал кардан ба назароти фиқҳии ҷумҳури аҳли суннат авлотар аст, зеро дар онҳо ҷанбаи эҳтиёт дар ибодат бештар мавриди назар қарор гирифтааст.

2. Ташхиси меъда ба василаи дастгоҳ (эндоскопия)

Ташхиси меъда ва рӯдаҳо ба василаи дастгоҳи эндоскоп,[1] ки аз роҳи даҳон ба он ҷо ворид карда мешавад, аз назари мазҳаби ҳанафӣ вақте ба он равған ва ё маҳлулҳои тиббӣ ва химиявие молида нашуда бошад, рӯзаро намешиканад. Зеро ворид шудани чизе ба меъда вақте шиканандаи рӯза мебошад, ки ба таври пурра дохили он гардад. Аммо агар миқдоре аз он ба меъда дохил шавад ва миқдоре дар берун боқӣ монад ва ё як сараш ба меъда дохил шавад ва сари дигараш дар берун бошад, рӯзаро фосид намесозад.

Вале агар ба он равған ва ё дигар маҳлулҳои химиявӣ ва доруӣ молида шавад ва ё ба воситаи он ба захм ва ё ҷои дардманди меъда ва рӯдаҳо доруе рехта шавад, дар он сурат рӯза фосид мегардад. Маҷмаи фиқҳи исломӣ низ дар қарори худ масъаларо ба ҳамин сурат тасдиқ намудааст.

3. Гази оксиген

Манзур аз масъалаи гази оксиген (кислород) дар ин ҷо ба таври сунъӣ нафас додани баъзе беморон мебошад. Гази оксиген ҳеҷ гуна маводи ғизоиеро дар таркиби худ фаро намегирад ва аз роҳи нафас ба шуш ворид мешавад. Бинобар ин, он шиканандаи рӯза ба шумор намеравад.

4. Шустани гӯш

Аз назари фиқеҳони киром гӯш низ дорои манфаз ба сӯи димоғ дониста шудааст. Бинобар ин, чаконидани ҳар гуна доруи моеъ ва ё равған ба гӯш ва ҳамчунин шустани он рӯза-

[1] Эндоскоп -/хо/ [andoskop]. тиб: Асбоб ва ё дастгоҳи муоинаи маҷроҳо ва ковокиҳои даруни бадан аст, ки бо шаклҳои гуногун сохта шуда, дорои лулаи резинӣ (шланг), манбаи рӯшноидиҳанда ва таҷҳизоти дарунбин аст.

Эндоскопия равиши муоина ва ташхиси ҳолати маҷроҳо ва узвҳои дохили бадан аст, ки ба василаи дастгоҳҳои махсус ва гуногунсохти эндоскоп ҳосил мешавад, ба монанди бронхоскопия, ки роҳи нафас ва шушҳо бо он муоина мешаванд, гастроскопия, ки ковокии меъда бо он муоина мешавад ва перитонеоскопия (торакоскопия), ки ковокии шикам ва пардаи холии болои шуш бо он муоина мешавад.

ро фосид мекунад.

Аммо аз назари илми анатомия имрўз ба таври дақиқ муайян гардидааст, ки агар пардаи гўш накафида ва ё шикоф нашуда бошад, дигар ҳеҷ манфазе аз он ба димоғ вуҷуд надорад. Бинобар ин, Маҷмаи фиқҳи исломӣ чаконидани ҳар гуна дору ва равғанро дар гўш ва ҳамчунин шустани онро бо маҳлулҳои махсуси тиббӣ ғайри шикананадаи рўза донистааст. (Қарори Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар бораи масоили муосир дар боби рўза дар охир зикр мегардад).

5. Рехтани дору дар чашм

Чаконидан ва ё рехтани дору дар чашм рўзаро намешиканад, ҳарчанд таъм ва ё асари онро дар ҳалқаш дарк намояд. Ин дар ҳолест, ки аз чашм аз тарафи паҳлўи бинӣ сўрох ва ё манфазе ба коми даҳон ва пас аз он ба ҳалқ вуҷуд дорад. Фақеҳони киром ин масъаларо бо қиёс ба кашидани сурма истинбот намудаанд. Ривоят шудааст, ки ***«Паёмбар (с) дар моҳи Рамазон сурма кашид, дар ҳоле ки рўзадор буд»***.[1]

Илова бар ин, доруе, ки дар чашм чаконида мешавад, бо суръат ва пеш аз расидан ба ҳалқ дар қабатҳои дохили чашм ҷабида мешавад. Таҳқиқоти тибби муосир низ назари фақеҳонро дар ин маврид таъйид менамояд.

6. Чаконидани дору дар бинӣ

Чаконидани дору дар бинӣ дар аксари ривоятҳо шикананадаи рўза дониста шудааст, вале он ду ҳолат дорад, ки ҳар кадоми онҳо тафсил ва ҳукми хосе дорад. Зеро сўрохи бинӣ бевосита ба коми даҳон ва ҳалқ пайваст мебошад.

а) Агар дору аз бинӣ ба ҳалқ ва пас аз он ба меъда бирасад, бо иттифоқи тамоми фақеҳони мазҳаб рўзаро фосид месозад, вале агар он ба андозае бошад, ки дар патҳо ва нармии бинӣ ҷабида шавад ва ё вақте ба ҳалқаш расид, онро ба берун афканад, рўзааш бо иттифоқ фосид намешавад.

б) Аммо агар онро аз даҳонаш наафканд, вале аз ҷиҳати камӣ ба расидани он ба шикамаш низ яқин надошта бошад, дар ин сурат ба қавли имом Абуҳанифа (рҳ) рўзааш фосид мешавад ва ба қавли Имомайн фосид намешавад.[2]

7. Истифодаи марҳам (маз)-ҳова дигар часп (тарбанди)-ҳои тиббӣ

Молидани равған ва марҳам (маз) ва ҳамчунин, тарбанд намудани захмҳо ва ҷароҳатҳои бадан бо часпҳои давоие, ки дар таркиби худ маводи дорӯӣ ва маҳлулҳои химиявӣ доранд, боке надорад. Зеро рўза бо ворид шудани таъсири доруҳо ва ё моеъоте, ки аз тариқи масомаҳо ва сўрохҳои таркиби пўст ҷабида мешаванд, фосид намешавад.

8. Ташхис ва ё табобати рагҳо бо дастгоҳ

Ворид кардани найчаҳои борик ва дастгоҳҳои махсуси тиббӣ ба рагҳои хунгарди дил, маҷрои пешоб ва дигар узвҳо барои ташхиси беморӣ ва ё табобати онҳо вақте як сари он дар берун боқӣ мемонад, рўзаро фосид намекунад.

Ҳамчунин ворид кардани дастгоҳи тиббӣ ба девори шикам барои ҷарроҳӣ ва гирифтани талха, барои гирифтани пора – намунае (проба) барои ташхис ва ё барои ташхиси бевоситаи узвҳои дохили шикам боке надорад, зеро як тарафи дастгоҳ дар беруни бадан боқӣ мемонад. Ин амалияи тиббӣ аз тариқи сўрохии хурде дар девори шикам анҷом дода мешавад.

9. Тасфияи хун

Амалияи тасфияи хун, ки ба шустани гурдаҳо шинохта шудааст, ба ду тариқ анҷом дода мешавад:

а) Ба воситаи дастгоҳе, ки ба он гурдаи сунъӣ гуфта мешавад, хуни бадан кашида ва аз моддаҳои зарароваре, ки ба он ҳамроҳ шудаанд, тасфия ва пок сохта мешавад, сипас дубора аз роҳи раги хунгард (вена) ба бадан ворид карда мешавад. Дар ин сурат агар ба таркиби хун маводи ғизобахш ва ё маҳлулҳои химиявӣ ворид карда нашавад, рўза фосид намешавад.

б) Ба воситаи пардаи шикам (брюшина) анҷом дода мешавад, ба ин тариқ, ки девори шикам болотар аз ноф сўрох карда ва ба воситаи найча (шланг)-и борике бештар аз ду литр маҳлули глюкозадор ба он рехта мешавад. Он маҳлул пас

[1] Сунани Ибни Моҷа, 1678. Ҳадисро аз Оиша (рз) ривоят кардаанд ва онро дар «Фиқҳи исломӣ» заъиф гуфтааст. Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1710.

[2] Имом Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Бағдодӣ маъруф ба Қудурӣ. Мухтасари Қудурӣ. – С. 191, 192. Карочӣ: Дорул бушро, 1429 ҳ. (2008). Минбаъд: Мухтасари Қудурӣ.

аз муддате кашида гирифта мешавад ва боз ба ҷояш маҳлули нав рехта мешавад ва ин амалия чанд навбат дар як рӯз такрор карда мешавад. Дар натиҷа бадан ба воситаи пардаи рӯи шикам намакҳои таркиби хун, қанд ва дигар маводи аз байн рафтаро покиза ва аз нав барқарор месозад. Бадеҳист, ки дар ин сурат миқдори зиёде аз намакҳо, қанд ва дигар маводи зарурӣ ба таркиби хун ворид мегардад ва рӯзаро фосид мекунад.

10. Имола (клизма) кардан

Имола (клизма) барои шустан ва табобати рӯдаҳо ва ҳамчунин барои ташхис намудани беморӣ анҷом дода мешавад. Амалияи имола аслан ба воситаи маҳлулҳои шӯянда ва миқдоре моеъот анҷом дода мешавад, ба ин тариқ, ки он аз роҳи қафо (мақъад), ки бевосита ба рӯдаи рост пайваст мебошад, ворид карда мешавад ва аз он ҷо ба рӯдаи ғафс меравад.

Хӯрок дар рӯдаҳои борик ҳазм мегардад ва вақте ба рӯдаи ғафс меояд, дар он ҷо об, қисме аз намакҳо ва глюкозаи таркиби он ҷабида мешавад. Дар амалияи имола (клизма) низ рӯдаи ғафс баъзе маводи таркиби маҳлулро меҷабад. Бинобар ин, бо имола кардан, яъне шустани рӯдаҳо ба воситаи маҳлулҳои шӯянда рӯза фосид мешавад ва танҳо қазо лозим меояд.

11. Гузоштани шиёф ва ғайра дар мақъад

Гузоштани шиёф[1] дар мақъад рӯзаро фосид мекунад, вале гузоштани пахтапора, фатила ва ғайра дар мақъад, агар тарафе аз онҳо дар берун боқӣ монда бошад, рӯзаро намешиканад, вале агар комилан ба дохили мақъад даромада бошанд, рӯза фосид мешавад. Гузоштани ин чизҳо дар фарҷи зан низ ҳамин ҳукмро дорад.[2]

12. Шустан ва ташхиси масона

Бо ворид кардани дастгоҳи найчаӣ ба масона (пешобдон) барои ташхиси дохилӣ вақте як сари он дар берун бошад, рӯза намешиканад. Шустани масона ба воситаи маҳлулҳои шӯянда рӯзаро фосид мекунад, зеро ба андешаи фақеҳон дар гузашта аз масона ба сӯи шикам манфазе вуҷуд дорад.

Тибби муосир бошад, собит намудааст, ки дар байни масона ва шикам ҳеҷ манфазе вуҷуд надорад. Бинобар ҳамин дидгоҳи нави анатомӣ Маҷмаи фиқҳи исломӣ шустани масонаро шиканандаи рӯза надонистааст, ҳамчунин ворид кардани маводеро, ки ҳолати нурҳои ташхиси дохилиро равшантар месозанд, ҷоиз донистааст.

13. Хунсупорӣ (донорӣ)

Хунсупорӣ барои шахси рӯзадор ҳеҷ зарар ва мамнӯияти шаръие надорад. Аз назари ҷумҳури аҳли суннат бо ҳиҷомат рӯза намешиканад, зеро Расули акрам (с) дар вақти рӯзадорӣ ҳиҷомат намудааст.[3] Хунсупорӣ низ навъе аз хунгирӣ (ҳиҷомат) ба шумор меравад, бо ин тафовут, ки хуне, ки барои беморон супорида мешавад, аз рагҳои хунгард (вена) гирифта мешавад.

Супоридани хун барои таҳлил (анализ) низ дар аснои моҳи Рамазон мамнӯияте надорад ва рӯзаро намешиканад.

14. Шустан ва ташхиси маҳбил

Ташхиси маҳбил, бачадон ва дигар узвҳои дохилии занон ба воситаи дастгоҳ вақте як тарафи он дар берун бошад, рӯзаро намешиканад, вале шустани онҳо бо маҳлулҳои шӯянда рӯзаро фосид месозад, зеро бинобар дидгоҳи фиқҳии гузаштагон аз онҳо ба сӯи шикам манфазе вуҷуд дорад.

Тибби муосир хилофи онро собит намуда, муайян кардааст, ки ҳеҷ гуна манфазе аз ин узвҳо ба шикам вуҷуд надорад ва Маҷмаи фиқҳи исломӣ бо истинод ба ин мавқеи илми тиб дар ин масъала шустани маҳбил ва дигар узвҳои дохилии занонро бо маҳлулҳои шӯянда шиканандаи рӯза надонистааст.

15. Қарори Маҷмаи фиқҳи исломӣ

Маҷмӯи масоили диние, ки дар ин бахш зикр гардиданд, аз қабили чаконидани дору дар гӯш,

[1] Шиёф -/ҳо/. тиб: моддаи доруии ҷомиде мебошад, ки маъмулан аз маводи равғанӣ ва ба шакли махрут (дарозрӯя) сохта мешавад ва пас аз гузоштан дар мақъад бар асари ҳарорати бадан об ва таркиботи доруии он дар рӯдаи рост ҷабида мешаванд. Шиёф ва дигар ашёи табобатиеро, ки дар мақъад гузошта мешаванд, аксаран барои табобати бемориҳои бавосир ва дигар дардҳои мақъад ва ё барои таскини дард ва паст кардани ҳарорати таб истифода мебаранд. Онро ба арабӣ таҳмила ва лабус, ба англисӣ suppository (суппозиторий) ва ба русӣ свеча мегӯянд.

[2] Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1708.

[3] Дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст: ***«Паёмбар (с) дар ҳоле ки рӯзадор буд, ҳиҷомат кард»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1938, 1939).

чашм, бинӣ, имола кардан ва ҳамчунин дору ва муолиҷа намудани димоғ, масоили иҷтиҳодӣ мебошанд, яъне дар бораи онҳо далели қатъие дар Китоб ва суннат собит нашудааст. Бинобар ин, назари иҷтиҳодии донишмандони муосир дар ин масоил аз мавқеи фиқҳии фақеҳони гузашта ё куллан ва ё қисман фарқ мекунад.

Маҷлиси «Маҷмаи фиқҳи исломӣ» дар нишасти давраи даҳуми худ, ки дар таърихи 23-28 моҳи сафари соли 1418 ҳ. (мувофиқ ба 28-уми июн то 3-юми июли соли 1997 м.) дар шаҳри Ҷаддаи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, пас аз шунидани баррасиҳои илмӣ ва тавсияҳои нишасти нуҳуми Анҷумани фиқҳи тиббӣ дар бораи шиканандаҳои рӯза дар вақти муолиҷа, ки аз 9-ум то 12-уми моҳи сафари соли 1418 ҳ. (мувофиқ ба 14-ум то 17-уми моҳи июни соли 1997 м.) аз сӯи Созмони исломии донишҳои тиббӣ дар шаҳри Дорулбайзои кишвари Мағриб (Марокаш) баргузор гардид, қарори зеринро ба тасвиб расонд:

а) Корҳои зерин шиканандаи рӯза ба шумор намераванд:

1. Чаконидани дору дар чашм ё дар гӯш, шустани гӯш, чаконидани дору дар бинӣ ва ҳамчунин дорухои пошанда дар бинӣ, вақте таъми он бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

2. Истифодаи қурсҳое, ки барои бартараф намудани зиқи нафас, тапиши баланди дил ва дигар навъҳои беморӣ дар зери забон гузошта мешаванд, вақте таъми он бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

3. Шиёф ва ё маҳлулҳое, ки барои шустан ба маҳбил ворид карда мешаванд ва ҳамчунин дохил кардани дурбини ташхисӣ ва ё ангушти ташхиси тиббӣ ба маҳбил.

4. Дохил кардани дурбини ташхис ба бачадони зан ва ё бастани даҳони он бо спирал.

5. Дохил кардани дастгоҳи ташхис (найчаи борик) ё дурбини ташхис ё моддае, ки барои равшантар шудани нурҳои ташхисӣ мусоидат мекунад, ё дору ва ё маҳлуле барои шустани масона.

6. Тоза ва пур (пломба) кардани дандон, кандани он, гирифтани сангҳои дандонҳо ва мисвок кардан бо мисвокчӯб (шётка), вақте таъми он чи дар даҳон ҷамъ мешавад, бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

7. Мазмаза, ғарғара ва пошидани дорухои газӣ ба даҳон, вақте аз фурӯ бурдани таъми он бо оби даҳон эҳтиёт шавад.

8. Ҳуқна (укол)-ҳои муолиҷавие, ки дар зери пӯст, мушакҳо ва рагҳои хунгард (вена) карда мешаванд, вақте маҳлулҳои ғизодиҳанда надошта бошанд, яъне барои қувват набошанд.

9. Он чизе, ки аз тариқи сӯроххо ва масомаҳои таркиби пӯст ҷабида мешавад, ба монанди равғанҳо, марҳамҳо ва часпҳое, ки дар таркиби худ маводи дорӯ ва ё химиявӣ доранд.

10. Дохил кардани найчаҳои борик ба шоҳрагҳо барои ташхис ва ё муолиҷаи рагҳои дил ва дигар узвҳои бадан.

11. Дохил кардани дарунбин – эндоскоп (тораскоп) аз тариқи девори шикам барои муоинаи рӯдаҳо ва ё анҷом додани амалияи ҷарроҳӣ дар он ҷо.

12. Гирифтани пораҳои санҷишӣ – намуна (проба) аз ҷигар ва ё дигар узвҳо, вақте маҳлуле ба он ҷо ворид карда нашавад.

13. Дохил кардани дарунбин – эндоскоп (гастроскоп) барои муоинаи меъда, вақте ба он маҳлул ва ё моддаи дигаре молида нашуда бошад.

14. Дохил кардани дастгоҳ ва ё маводи дорӯ ба димоғ ва ҳароммағз.

Вале дар тамоми суратҳои зикргашта бояд табиби мусулмон беморро агар ба вай зараре нарасад, ба таъхири амалияҳои номбурда ба мобаъди замони ифтор насиҳат намояд.[1]

РЎЗАИ НАЗР

Калимаи назр (النَّذْر) дар луғат ба маънои ваъда, паймон ва воҷиб гардонидани коре ё қурбате бар худ ва дар истилоҳи фиқҳ илтизоми қурбатест, ки аз сӯи шаръ бар банда муқаррар нагашта ва анҷом додани он барояш мубоҳ ва ҷоиз аст ҷиҳати тақарруб ҷустан ба Худо, ба монанди ибодат, садақа ва ғ. Шариати слом низ ин маъноро таъйид намуда, назрро навъе паймон дар миёни банда ва Худо ба шумор меоварад ва дар сурати таҳаққуқ бо риояи шароити пешбинишуда вафо ба онро бар банда воҷиб медонад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Ва ба назрҳояшон вафо намоянд…»**.[2]

[1] Нусхаи электронии қарорҳои «Маҷмаи фиқҳи исломӣ», қарори 93 (1/10).

[2] Сураи Ҳаҷ, 22: 29.

Бар ҳамин асос, шахс метавонад намоз, рӯза, эътикоф, садақа, забҳи чорво ва дигар корҳои шаръан қурбатро барои Худо назр намояд, яъне анҷоми онҳоро бар худ воҷиб гардонад.

Дар таълимоти исломӣ ба пойбандӣ ба паймонҳо ва вафо ба назр ба қадре тавсия ва таъкид гардида, ки вафо ба он дар радифи дигар фароизи динӣ қарор дода шудааст. Дар китобҳои ҳадис ва фиқҳ бобе дар мавзӯи назр кушода шуда ва ҳатто дар мавридҳое ба вафо ба назрҳои иҷронашудаи даврони ҷоҳилият ва он корҳое, ки пеш аз ислом назр шуда ва бо сабабе вафоношуда боқӣ монда буданд, амр шудааст. Қуръони карим мефармояд: **«Ҳар нафақаеро харҷ намоед (ва) ё ҳар назреро бар худ воҷиб гардонед, Худо онро медонад ва золимонро ҳеҷ ёваре набошад»**.[1]

Ривоят шудааст, ки пас аз фатҳи Макка вақте расули Худо (с) аз Ҳунайн баргашт, Умар (рз) гуфт: ***«Эй расули Худо (с), ман дар (замони) ҷоҳилият назр карда будам, ки шабе*** – ва дар ривояте – ***рӯзе дар Масҷидулҳаром эътикоф менишинам. Фармуд: Ба назрат вафо кун»***.[2]

ҲУКМИ НАЗР

Вафо ба назр агар аз корҳои қурбат[3] бошад, бинобар қавли роҷеҳ дар мазҳаб фарз ва ба қавле воҷиб аст, вале агар аз корҳои маъсият бошад, он вафое надорад ва анҷом додани он шаръан ҳаром мебошад. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Касе назр намояд, ки Худоро итоат менамояд, пас Ӯро итоат намояд ва касе назр намояд, ки Худоро маъсият ва нофармонӣ мекунад, Ӯро маъсият накунад»***.[4] Яъне агар кори маъсиятеро назр карда бошад, он назрашро тарк намояд.

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки ***«Ҳангоме паёмбар (с) хутба мехонд, ба ногоҳ мардеро дид, ки дар офтоб рост истодааст. Дар бораи вай пурсид, гуфтанд: Вай Абуисроил аст, назр кардааст, ки дар офтоб рост биистад ва (ҳаргиз) нанишинад ва (ба чизе) соя нагирад ва сухан нагӯяд ва рӯза дорад. Паёмбар (с) фармуд: Ӯро бифармоед, ки сухан бигӯяд, соя бигирад, бинишинад ва рӯзаашро ба итмом расонад»***.[5]

Дар ривояти дигар омадааст, ки ***«Расули Худо (с) мардеро дид, ки дар такяи ду нафар роҳмерафт. Пурсид: Ин мардро чӣ шудааст? Гуфтанд: Назр кардааст, ки пиёда ба хонаи Каъба биравад*** – ва дар ривояте – ***ҳаҷ кунад. Гуфт: Худо аз азоб додани ин мард худро бениёз аст ва ӯро амр кард, ки савор шавад»***.[6]

Назр бояд бо корҳои ибодатӣ ва амалҳое, ки шаръан бо анҷоми онҳо ба Худо тақарруб ва наздикӣ ҷуста мешавад, ба монанди намоз, рӯза, ҳаҷ, забҳи чорво, садақа ва ғайра сурат гирад. Вафо ба назр пас аз таҳаққуқи шартҳои зерин воҷиб мегардад:

а) Аз ҷумлаи корҳое бошад, ки дар шариат аз навъи онҳо ибодати фарзӣ ва амалҳои қурбатан илаллоҳ вуҷуд дошта бошанд, ба монанди намоз, рӯза, ҳаҷ ва ғ. Пас шахс метавонад, мас., ду ракъат намоз ё ду рӯз рӯза ва ё ҳаҷҷеро бар худ воҷиб гардонад;

б) Назр ба вақтҳо ва рӯзҳое, ки намозу рӯза дар онҳо макрӯҳ ва мамнӯъ аст, рост наояд. Мас., агар назр намояд, ки рӯзҳои идайн ва ё айёми ташриқро рӯза медорад, назраш дуруст мегардад, вале аз он ҷо ки рӯза доштан дар ин рӯзҳо ҳаром аст, онро дар рӯзҳои дигар ба ҷой меоварад;

в) Назр аз ҷумлаи амалҳое набошад, ки аз сӯи Худованд бар бандагонаш фарз гардонида шудаанд, ба монанди намозҳои панҷгона, намози витр, рӯзаи моҳи Рамазон ва ғ. Зеро ин корҳо бе он ҳам бар вай воҷиб мебошанд;

г) Назр аз ҷумлаи корҳои муҳол набошад, ба монанди рӯзаи рӯзи гузашта;

д) Назр амал ва ибодати мустақил бошад, на заминаи амри дигар, ба монанди вузӯ, ки ибодати мустақил ба шумор намеравад, балки он омодабоше барои намоз аст.

Пас он назре, ки дар он муҳтавои бандҳои номбурда таҳаққуқ наёфта бошад, шаръан но-

---

[1] Сураи Бақара, 2: 270.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 2042, 6697. Саҳеҳи Муслим, 4268-73 (1656)-27-28. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4364, 4365, 4366. – С. 758. Ин ҳодиса соли фатҳи Макка пас аз ҷанги Ҳунайн вақте Паёмбар (с) аз Ҷиърона мегузашт, ба вуқӯъ пайвастааст.

[3] Қурбат -/ҳо; қурубот/. дин: тақарруб ва наздикӣ ба Худо ба василаи ибодатҳо.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 6696, 6700.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 6704. Сунани Абудовуд, 3300. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4370. – С. 759.

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 1865, 6701. Саҳеҳи Муслим, 4223 (1642)-9. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4367, 4368. – С. 759.

дуруст буда, ҳеҷ гуна вафое надорад. Бинобар ин, шахс метавонад намоз (ғайри намозҳои фарзӣ), рӯза (ғайр аз рӯзаи фарзӣ), садақа (ғайр аз закот), эътикоф, забҳ (ғайр аз қурбонӣ) ва корҳои дигарро назр намояд.

НАВЪҲОИ НАЗР

а) Назр ба эътибори замон ва макон бар ду қисм аст – назри муайян ва назри номуайян.

1. Назри муайян он аст, ки барои он таъриф ва рӯзе ва ё маконе муайян намояд, ба ин тариқ ки бигӯяд: Эй Худо, агар фалон кори ман анҷом гирад, фардо ё рӯзи ҷумъаи оянда мас., барои ризои Ту рӯза мегирам. Дар чунин назре (муайян), агар аз шаб ният кунад, ҷоиз ва авло аст, вале ният аз шаб шарт нест, метавонад то як соат пеш аз завол (нисфирӯзӣ) ният намояд ва назр адо меёбад.

Агар шахсе рӯза гирифтани рӯзи ҷумъаро назр кунад, чун рӯзи ҷумъа омад, ҳамин қадар бигӯяд, ки имрӯз рӯза мегирам ва навъи рӯзаро муайян насозад ё нияти нафл кунад, дар ҳар дуи ин суратҳо назр адо меёбад. Вале агар нияти қазоӣ карда бошад, рӯзаи гирифтааш дар рӯзи ҷумъа рӯзаи қазоӣ ҳисоб мешавад ва назрашро бояд рӯзи дигар бигирад.

Муайян кардани замон ва макон барои назр аз назари шариат эътиборе надорад ва онро метавонад дар рӯз ва ҷои муайяннамуда ва ё ба таври мутлақ ба ҷой оварад. Мас., агар касе назр кунад, ки моҳи рачабро рӯза медорад ва ба ҷои он моҳи шаъбонро рӯза дорад, назраш адо меёбад, касе гузоридани ду ракъат намозро дар Макка назр кунад, онро дар ҳар ҷое бигузорад, дуруст аст, агар маблағеро барои фақири муайяне назр намояд, онро ба ҳар фақире бидиҳад, назраш адо меёбад, ҳамон гуна ки ба ҷой овардани он дар замон, макон ва ҷиҳати таъйиннамудааш низ ҷоиз аст.

Ривоят шудааст, ки ***«Рӯзи фатҳи Макка марде бархост ва гуфт: Эй расули Худо (с), ман барои Худо назр кардам, ки агар Худованд Маккаро барои ту фатҳ намояд, дар Байтулмуқаддас ду ракъат намоз бигузорам. (Расули Худо (с)) фармуд: (Онро) дар ҳаминҷо бигузор! Он мард суханашро боз такрор намуд ва расули Худо (с) фармуд: (Онро) дар ҳаминҷо бигузор. Он мард суханашро бори сеюм такрор кард. (Расули Худо (с) ин бор) фармуд: Набошад, худат медонӣ!»***.[1]

Дар ин навъи назр шахс метавонад бар худ воҷиб гардонад, ки мас., барои Худо ду ракъат намоз мегузорам ё ду рӯз рӯза мегирам ва ё чорвое забҳ менамоям.

Чӣ тавре зикр гардид, барои анҷоми тамоми навъҳои назр замон, макон ва ё ҷиҳати муайянеро дар назар гирад ҳам, он ба таври мутлақ эътибор дорад. Вақте барои рӯзаи назрӣ рӯз ва замони муайянеро, ба мисли рӯзи душанбе, мас., дар назар гирад, онро назри муайян мегӯянд. Агар онро дар ғайри рӯзи таъйиннамудааш ба ҷой оварад, дуруст мегардад, вале вақте онро дар рӯзи муайян ба ҷой овард, дигар бастани ният аз шаб шарт нест.

2. Назри номуайян он аст, ки барои анҷоми он замон, макон ва ё ҷиҳате муайян накунад, балки бигӯяд: Агар фалон корам анҷом бигирад, як ё якчанд рӯз рӯза хоҳам гирифт. Дар ин қисми назр ният барои рӯза ва таъйин кардани рӯзи оянда барои он, аз шаб шарт аст.

б) Назр ба эътибори шароити анҷоми он ду навъ мешавад, мутлақ ва муаллақ:

1. Назри мутлақ дар истилоҳи фиқҳ дар баробари назри муқайяд (муаллақ) қарор дошта, ба маънои назрест, ки аз ҳар гуна шартҳои вобаста ба замон, макон, нисбат ва ё анҷоми коре холӣ бошад, яъне ба замон, макон, нисбат ва ё анҷоми коре муқайяд (вобаста) нашуда бошад. Ин гуна назрро дар ҳар замон ва маконе – ба таври мутлақ анҷом диҳад, ҷоиз аст. Мас., агар бигӯяд: Барои Худо бар ман ду ракъат намоз, онро дар ҳар замон ва маконе анҷом диҳад, назраш ба ҷо меояд. Назри мутлақ дар ин ҳолат яке аз навъҳои назри номуаяйн ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар баъзе матнҳои фиқҳӣ назри мутлақ ба маънои назри номуайян низ ба кор рафтааст.

2. Назри муаллақ (вобаста) ба шарт ва он ду қисм аст:

а) Назри муаллақ (вобаста) ба шарте, ки вуқӯи онро мехоҳад, мас., бигӯяд: Агар Худо ба ман писар ато намояд ё аз бемориам шифо ёбам ва ё ғоибам ба саломат баргардад, даҳ рӯз рӯза мегирам. Дар ин сурат вақте шарт таҳаққуқ ёбад, вафо ба назр воҷиб мегардад.

[1] Сунани Абудовуд, 3305.

агар пеш аз таҳаққуқи шарт назрашро ба ҷой оварад, он эътиборе надорад;

б) Назри муаллақ ба шарте, ки ба вуҷуд омадани онро намехоҳад, мас., бигӯяд: Агар бо фалонӣ сухан гӯям, барои Худо бар ман таоми даҳ мискин. Ин ибора ба зоҳир назр аст, вале маънои қасамро дорад. Бинобар ин, вақте бо фалонӣ сухан гуфт, ихтиёр дорад, ки ба назраш вафо намояд ва ё каффорати шикастани савгандро пардохт кунад.

Ҳар ду навъи назри муаллақ назри муайян ба шумор мераванд, зеро барои таҳаққуқи шарт замон ва макон зарурат дорад ва пас аз замони таҳаққуқи он вафо ба назр воҷиб мегардад.

Аммо он корҳое, ки бо номи нарзи мурдагон дар назди қабри баъзе бузургон ба хотири наздикӣ ба онҳо аз сӯи баъзе мардуми авом анҷом дода мешаванд, бо иҷмои уммати ислом ботил ва ҳаром ҳастанд, ба монанди пул, динору дирҳам, шамъу равған, забҳи чорво ва ғайра. Зеро он барои маҳлуқ назр шуда, дар ҳоле ки назр танҳо барои Худо ҷоиз аст, ба ин маъно, ки назр ибодат аст ва ибодат барои ғайри Худо ҷоиз нест. Илова бар ин, шахсе, ки барояш назр шудааст, кайҳо фавтида ва дигар чизеро ба моликияти худ дароварда наметавонад ва аз ҳама сахттар он ки агар назрро ба ин эътиқод намояд, ки шахси дар қабр орамида ҳамроҳ, дар баробар ва ё ғайр аз Худо дар умури олам тасарруф менамояд, он куфр ва ширк аст.

Вале агар бигӯяд: Эй Худо, ман бароят назр кардам, ки агар беморамро шифо бахшӣ ё ғоибамро баргардонӣ ё ҳоҷатамро барорӣ, ба фақироне, ки дар назди қабри фалонӣ нишастаанд, таом медиҳам ё барои масҷидашон бӯрё мехарам ё корҳои дигаре, ки барои қишрҳои ниёзманди ҷомеа нафъе мебахшанд, анҷом медиҳам, ба ин эътибор ҷоиз аст.[1]

Ин корҳо дар замоне бештар равнақ пайдо мекунанд, ки ҷаҳлу бемаърифатӣ нисбат ба таълимоти ислом дар байни мардум решадор гардад ва мардум моҳияти арзишҳои олии дини Худоро пурра дарк нанамоянд. Дини ислом дини илму басират аст ва маҳви ҷаҳлу бесаводӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои онро ташкил медиҳад. Худованд ба паёмбари акрам (с) дастур медиҳад, ки эълон намо: **«Ин роҳи ман аст. Ман ба сӯи Худо бо басират ва аз рӯи огаҳӣ даъват мекунам ва ҳар касе, ки аз ман пайравӣ намояд…»**.[2]

Чӣ тавре зикр гардид, аз назари ислом доманаи назр хеле густарда буда, он тамоми навъҳои ибодатҳои нафлӣ, садақоти ғайри фарзӣ ва ҳамаи корҳои хайр ва амалҳои некеро, ки қурбатан илаллоҳ анҷом дода мешаванд, дар бар мегирад.

Бар ҳамин асос, агар шахсе дар бахши садақот, таом додан ва ё забҳи чорво назр кунад, онро бояд дар масрафҳои муайяннамудаи шаръ сарф намояд. Масрафҳо ва мустаҳиққони назр, каффоратҳо ва садақаи Фитр ҳамон масрафҳои закот мебошанд. Касе пардохти каффорат, назр ё садақаи Фитрашро дар ғайри онҳо сарф кунад, онҳо аз зиммааш соқит намешаванд. Мас., шахсе гӯсфанде назр кард ва онро пас аз забҳ ба фарзандони худаш ва ё сарватмандоне, ки аҳли закот ҳастанд, сарф намуд, назраш адо намеёбад, бояд аз сар гӯсфанди дигаре забҳ намояд.

Агар назри шахс барои кори маъсият ё қатъи пайванди хешутаборӣ набошад, вафо кардан ба назр воҷиб аст ва тарки он гуноҳ.

Агар касе рӯзаи рӯзҳои ид ва ё айёми ташрикро назр кунад, бояд рӯзи идро бихӯрад ва дар ивази он рӯзи дигаре рӯза бигирад. Зеро назраш баста шуда, вале рӯза доштан дар он рӯзҳо кароҳияти таҳримӣ дорад, пас ба ҷои он рӯзи дигаре рӯза медорад.

Агар шахсе назр кунад, ки тамоми солро рӯза мегирад, ҳамон панҷ рӯзи мамнӯъро бихӯрад ва дигар тамоми солро бигирад ва он панҷ рӯзро қазо ба ҷо оварад.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 379, 380.

[2] Сураи Юсуф, 12: 108.

Фасли чаҳорум

ЭЪТИКОФ ДАР МОҲИ РАМАЗОН

Чанд шабҳо хобро гаштӣ асир,
Як шабе бедор шав, давлат бигир!
Бар умеди роҳи боло кун қиём,
Ҳамчу шамъе пеши меҳроб, эй ғулом!
Лаб фурӯ банд аз таому аз шароб,
Сӯи хони осмонӣ кун шитоб!
(Мавлоно)

Эътикоф яке аз суннатҳои расули Худо (с) мебошад ва шахси рӯзадор дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон худро барои ибодати Худо дар масҷиде фориғ месозад.

Эътикоф аз решаи «акафа» (عَكَفَ) гирифта шуда, дар луғат ба маънои рӯй овардан ва мулозимат намудан ба чизе ба тариқи таъзим ва бузургдошт мебошад. Вожаи «акафа» дар ояти 71-уми сураи Шуъаро: **«Вақте (Иброҳим) ба падар ва қавмаш гуфт: Чиро мепарастед? Гуфтанд: Бутҳоеро мепарастем (ва ҳамчунин) мулозими онҳо боқӣ мемонем»** ва ояти 138-уми сураи Аъроф: **«Банӣ Исроилро аз баҳр гузаронидем, пас онҳо аз (назди) қавме гузаштанд, ки бар (ибодати) бутҳояшон мулозамат меварзиданд…»** ба ҳамин маъно омадааст.

Эътикоф дар истилоҳи шаръ ба маънои муддате гӯша гирифтан дар масҷид барои ибодат ва наздикӣ ба Худо аст. Он дар ояти 187-уми сураи Бақара: **«Вақте дар масҷидҳо (барои ибодат) гӯша гирифта бошед (ба эътикоф нишаста бошед), ба онҳо (занон) мубошират ва наздикӣ нанамоед»** ба ҳамин маъно омадааст.[1]

Бандаи муъмин бо фаро расидани моҳи Рамазон шомили иноёт ва баракоти Худованд мегардад ва бо гузаштани ду даҳаи аввал ва миёнаи он шахси рӯзадор ба баландтарин қуллаи сафои ҷисму ҷонаш мерасад. Аз сӯи дигар, муборактарин айём ва гуворотарин лаҳзаҳои навозиши Худованд, ки дар даҳаи охири он моҳ гузошта шудаанд, фаро мерасад ва олитарин фурсати даст ёфтан ба мақсуд барои ӯ муҳайё мегардад.

Расули акрам (с) барои фароғати ҳарчи бештар ва ба кор бурдани тамоми ҷидду ҷаҳди бандагӣ дар ин лаҳзаҳои нотакрор суннати эътикофро барои умматонаш асос гузоштааст, то шахси рӯзадор барои камоли бандагӣ ва розу ниёз бо Худованд ва ҳамзамон матраҳ намудани тамоми орзуҳои нек ва хостаҳои машрӯаш дар пешгоҳи Ӯ комилан фароғат ёбад.

Бандаи муъмин ҳар чанд гоҳе ба хилвату танҳоӣ, дар худ андешидан ва ба муноҷоти Ҳақ ниёз дорад, то фориғ аз ҳар чизе ба нафси худ пардозад ва дар маҳзари Худованд муддате ба парвариши он машғул гардад. Муносибтарин фурсат барои ин кор ҳамон даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад, даҳае, ки дар он шаби Қадр аст ва инсон метавонад ба қадру қимати худ дар назди Худованд биафзояд. Ҳамин танҳоию хилват ва ба ибодат пардохтани шахси рӯзадорро дар истилоҳи шаръ эътикоф мегӯянд.

Вале ислом намехоҳад, ки инсон дар он гӯшаи хилват ва бо номи эътикоф дар ҳар гуна хаёлоти бемаъно ва васвасаҳои нафс фурӯ равад. Ҳамчунин, чандон рӯи хуше ба инзивоталабӣ ва канорагирӣ аз ҷамъият надорад. Ислом дини зиндагонии иҷтимоист. Ин ҷост, ки ба танҳоии мутлақ ва гӯшанишинӣ дар кӯҳу ғорҳо ва ё нишастан дар чилахонаҳои торику камнур амр накардааст. Балки барои эътикоф масҷиди ҷомеъро, ки ҷои рафту омади мардум ва барпоии ибодатҳост, афзал шуморидааст.

Яъне ислом хилват дар миёни ҷамъ, танҳоӣ дар миёни мардум ва бо Худо, вале дар миёни халқи Худо буданро асоси худсозӣ ва меҳвари зиндагии инсон қарор додааст. Ба ин маъно, ки ислом гӯшанишинии мутлақ ва ба сурате канора

[1] Муфрадот. – С. 579, зайли моддаи: акафа.

гирифтан аз мардумро, ҳатто дар вақти эътикоф ва пардохтан ба ибодат дӯст намедорад. Пас ислом дини иҷтимоист ва аз ҳар гуна раҳбоният (дайрнишинӣ) холӣ мебошад. Қуръони карим раҳбоният ва канорагирии зоҳидони насрониро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад, он ҷо ки мефармояд:

...وَرَهْبَانِيَّةً ٱبْتَدَعُوهَا مَا كَتَبْنَـٰهَا عَلَيْهِمْ ...

«Ва раҳбонияте, ки (роҳибон) аз пеши худ бароварда буданд (ва) Мо онро бар эшон нанавишта (муқаррар насохта) будем…».[1]

Ислом тамоми аъмоли фардиро ҷанбаи иҷтимоӣ бахшидааст. Бинобар ин, эътикоф дар ғайри масҷид ҷоиз намебошад.

Дар ривоятҳо омадааст, ки расули Худо (с) дах рӯзи охири моҳи Рамазонро эътикоф менишаст ва аҳли хонаводаи худро низ ба он амр мекард. Абдуллоҳ ибни Умар (рз), Анас (рз) ва Оиша (рз) ривоят мекунанд, ки ***«Паёмбар (с) аз замоне, ки ба Мадина омад, то рӯзи вафоташ дар даҳаи охири моҳи Рамазон эътикоф менишаст»***.[2]

Нофеъ аз Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят менамояд, ки ***«Расули Худо (с) дар дах рӯзи охири моҳи Рамазон эътикоф менишаст»*** ва Нофеъ меафзояд: *«Абдуллоҳ он маконеро, ки расули Худо (с) дар масҷид дар он эътикоф менишаст, ба ман нишон дод»*.[3] Нофеъ боз аз Ибни Умар (рз) ривоят мекунад, ки *«Вақте паёмбар (с) эътикоф менишаст, рахти хоб ва ё кати хоби ӯ дар пушти сутуни тавба гузошта мешуд»*.[4]

[1] Сураи Ҳадид, 57: 27.

[2] Муттафақун алайҳ. Лафзи он дар «Саҳеҳайн» чунин аст: ***«Паёмбар (с) дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон эътикоф менишаст. Пас аз он дар даҳаи охир эътикоф нишаст ва онро то рӯзи вафоташ идома дод. Ҳамсаронаш пас аз ӯ эътикофи даҳаи охирро идома доданд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2026. Саҳеҳи Муслим, 2776 (1172)-5. Сунани Абудовуд, 2462.

[3] Саҳеҳи Муслим, 2773 (1171)-2. Сунани Абудовуд, 2465. Сунани Ибни Моҷа, 1773.

[4] Сунани Ибни Моҷа, 1774. Сутуни тавба яке аз сутунҳои масҷиди набавӣ мебошад, ки Абулубоба (рз) барои пазируфта шудани тавбааш худро ба он баста буд. Он сутун ба сутуни Абулубоба низ машҳур мебошад. Расули Худо (с) вақте эътикоф менишаст, рахти хобашро дар пушти он мегузошт. Ҳоло бошад дар ҷои он сутуне бо номи сутуни «тахт» бино гардидааст. (Масоил ва аҳкоми эътикоф, Муҳаммадтақии Усмонӣ. – С. 13).

ЭЪТИКОФ БАРОИ ДАРЁФТАНИ ШАБИ ҚАДР

Яке аз ҳикматҳо ва мақсадҳои эътикоф дар дах рӯзи охири моҳи Рамазон дарёфтани шаби Қадр аст, зеро шаби Қадр дар яке аз шабҳои тоқи даҳаи ахири Рамазон мебошад. Вақте шахси рӯзадор тамоми он даҳаи муборакаро эътикоф менишинад, ҳатман, шаби Қадрро дар яке аз шабҳои тоқи он дармеёбад.

Аз Абусаъиди Худрӣ (рз) ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) (аввал) дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон эътикоф менишаст. Соле (дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон) эътикоф нишаст ва ҳамин ки шаби бисту якум фаро расид, шабе, ки (ҳар сол) субҳи он аз эътикоф хориҷ мешуд, фармуд:* ***Касе ҳамроҳи ман эътикоф нишаста буд, даҳаи охирро низ эътикоф бинишинад. Дар ҳақиқат, он шаб (шаби Қадр) ба ман нишон дода шуд, вале аз ёдам бароварда шуд. Худро дар саҳари он шаб дидам, ки бар обу гил саҷда мекунам. Пас онро дар шабҳои тоқи даҳаи ахир биҷӯед!.***

(Ровии ҳадис, Абусаъид мегӯяд): Он шаб борон борид ва аз даруни масҷид, ки аз шохҳои хурмо бино гардида буд, об ҷорӣ гашт. Субҳи он шаб (пас аз намоз) асари обу гилро бо чашмони худ дар пешонаи паёмбар (с) дидам».[5]

Аз ин ривоятҳо бармеояд, ки расули Худо (с) аввал барои муайян намудани шаби Қадр дар даҳаи дуюми моҳи Рамазон эътикоф нишаста ва пас аз он дар солҳои баъдӣ низ бо мақсади дарёфтани ачру савоби он шаб ба суннати эътикоф дар даҳаи ахири моҳи Рамазон идома додааст. Ҳамчунин, аз ин ривоятҳо бармеояд, ки шаби Қадр дар он сол ба шаби бисту якуми моҳи Рамазон рост омада буд.

Шоёни зикр аст, ки суннати эътикоф ҳамроҳ бо фарзияти моҳи Рамазон шурӯъ гардидааст. Расули Худо (с) дар ибтидо дар даҳаи аввал, сипас дар даҳаи миёна ва дар ниҳоят дар даҳаи ахири моҳи Рамазон эътикоф менишаст ва эъ-

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 669, 2016, 2018, 2027, 2036, 2040. Саҳеҳи Муслим, 2761 (1167)-213, 2762 (1167)-214, 2763 (1167)-215, 2764 (1167)-216, 2765 (1167)-217, 2766 (1167)-218. Дар ривоятҳои дигари ин ҳадис омадааст, ки: *«Дар осмон абре намедидем. Он шаб ҳаворо абре фаро гирифт ва бороне борид, ки…»*.

тикофи даҳаи ахирро то поёни умраш идома додааст. Пас аз вай ҳамсаронаш низ ин суннатро ба ҷой меоварданд.

ТАРИҚАИ ЭЪТИКОФ НИШАСТАН

Эътикоф дорои одобу мустаҳаббот, воҷибот ва як силсила муқаррароте мебошад, ки бояд мавриди риоя қарор гиранд.

Эътикоф иборат аст аз макс (нишастан) ва рӯза гирифтан ба нияти ибодати Худованд дар масҷид ва камтарин муддати он як рӯз аст.

Эътикоф дар ҳар замоне, ки рӯза гирифтан дар он ҷоиз бошад, дуруст ва қобили таҳаққуқ аст, вале беҳтарин замон барои эътикоф моҳи мубораки Рамазон, махсусан даҳ рӯзи охири ин моҳ аст, ки дар он эътикоф суннати муаккада бар ваҷҳи кифоя[1] аст, зеро расули Худо (с) онро пайваста анҷом додааст.

Дар шариати ислом асли эътикоф мустаҳаб аст, аммо ҳар гоҳ касе назр намояд, ки эътикоф менишинад, эътикоф бар вай воҷиб мегардад. Ҳар гоҳ назр намояд, ки чанд рӯзи муайян эътикоф менишинад, лозим аст онҳоро бо шабҳояшон якҷо ва паёпай ба ҷо оварад.

Дар шабҳои эътикоф хӯрдану нӯшидан ҷоиз мебошад, вале муошрати заношавҳарӣ ва наздикӣ бо занон: ҳамбистарӣ намудан, ламс (молиш) кардан ва ё бо шаҳват бӯсидан барои шахси дар эътикоф ҳаром аст. Худованд мефармояд: **«Ва бо занони худ, дар ҳолате ки дар масҷид барои эътикоф нишаста бошед, мубошират (ва наздикӣ) нанамоед».**[2]

Эътикоф бояд дар масҷид ба таври пайваста – беинқитоъ анҷом дода шавад ва агар шахси муътакиф бе зарурат қатъ намояд, мас., соате ҳам аз масҷид хориҷ шавад, эътикофи ӯ фосид мегардад.

Агар дар масҷиде эътикоф нишинад, ки дар он намози ҷумъа намехонанд, метавонад бо фаро расидани рӯзи ҷумъа барои адои намози ҷумъа ба масҷиди ҷомеъ рафта ва баъди хатми намоз билофосила ба ҷои эътикофи худ баргардад.

Истодан дар масҷид рукни эътикоф ва се чиз шарти он аст: 1) Масҷиде, ки дар он намоз бо ҷамоат баргузор гардад, 2) нияти эътикоф ва 3) пок будан аз ҳайзу нифос ва ҷанобат. Бинобар ин, ҳеҷ навъи эътикоф ва ба қавли имом Абуюсуф (рҳ) эътикофи воҷиб дар масҷидҳои матрука – бенамоз дуруст намегардад[3], ҳамчунин шахсе рӯз то бегоҳ бе нияти эътикоф дар масҷид ба сар барад, он эътикоф ба шумор намеравад. Шахси ҷунуб ва занони дар ҳайзу нифос низ наметавонанд эътикоф бинишинанд, зеро покӣ шарти дуруст гардидани тамоми ибодатҳост.

Аз ҳама беҳтар он аст, ки эътикоф дар Масҷидулҳаром (атрофи хонаи Каъба), баъд аз он дар Масҷиди Набавӣ ва баъд аз он дар Масҷидулақсо дар Байтулмуқаддас ба ҷой оварда шавад, сипас дар масҷиди ҷомеъ ва ба дунболи он масҷиди маҳалла ва ҳар масҷиде, ки дар он ҷамоат бештар бошад.

ЭЪТИКОФ БАР СЕ ҚИСМ АСТ

1. Воҷиб, **2.** суннат ва **3.** мустаҳаб (нафл).

а) Эътикофи воҷиб он эътикофи назрист. Шахсе назр намояд, ки эътикоф менишинад, хоҳ назри мутлақ, хоҳ назри вобаста ба шарте, эътикоф бар вай воҷиб мегардад. Мас., вақте

---

[1] Аз он ҷо, ки расули Худо (с) бо мувозабат дар моҳҳои Рамазон эътикоф нишаста, он суннати муаккада аст, вале чун суханони он ҳазрат (с) дар бораи эътикоф ва фазоили он бештар ба ваҷҳи тарғиб ва тавсия буда, на ба сурати амри қатъӣ ва низ собит шуда, ки баъзе саҳобагон эътикоф нанишастаанд ва он ҳазрат (с) онро инкор накард, биноан, фақеҳони киром онро суннати муаккада бар ваҷҳи кифоя гуфтаанд.

Ҳар амал ва амре, ки расули Худо (с) бар он мувозабат варзида бошад, он суннати муаккада ба шумор меравад ва чун таркашро мавриди накӯҳиш ва инкор қарор дода бошад ва ё ваъиде бар он мутараттиб гардида бошад, он воҷиб аст, вале агар он аз сӯи баъзе саҳобагон тарк шуда ва мавриди накӯҳиш ва инкори он ҳазрат (с) қарор нагирифта бошад, пас он суннати муаккада бар ваҷҳи кифоя аст. Эътикофи даҳаи ахири моҳи Рамазон аз ин қабил аст. Расули Худо (с) бар он мувозабат варзида ва ҳамсаронаш низ онро пас аз вафоти он ҳазрат (с) ба ҷой овардаанд, вале бар тарки он накӯҳиш ва инкоре аз сӯи паёмбар (с) ворид нашудааст. Ривоят шуда, ки расули Худо (с) бо ҷамъе аз саҳобагон даҳаи миёнаи моҳи Рамазонро эътикоф менишаст ва ҳамаи саҳобагонро ба он амр накарда буд. Боре пас аз поёни эътикофи даҳаи миёна фармуд: ***«Касе бо ман эътикоф нишаста буд, даҳаи ахирро низ эътикоф бинишинад».***

[2] Бахше аз ояти 187-уми сураи Бақара.

[3] Манзур аз масҷидҳои матрука ба қавли Имомайн масҷидҳоест, ки имом ва муаззин надошта бошанд. Бинобар ин, масҷиде, ки имом ва муаззин дошта бошад, вале дар он намоз баъзе вақтҳо бо ҷамоат барпо шавад, эътикоф дар он ҷоиз аст. Аз назари имом Абуҳанифа (рҳ) дар масҷиде, ки намозҳои панҷвақта барпо дошта нашаванд, эътикоф ҷоиз нест.

бигӯяд: Агар бародарам аз сафар ба саломат бозгардад, даҳ рӯз барои Худо эътикоф менишинам, ё ба таври мутлақ – бе зикри шарте назр намояд, ки барои Худо даҳ рӯз эътикоф менишинам.

б) Эътикоф нишастан дар даҳ рӯзи охири моҳи мубораки Рамазон суннати муаккадаи кифоя аст. Агар як ва ё чанд нафаре дар масҷиди маҳалла ва ё ба қавли баъзе фақеҳон дар яке аз масҷидҳои шаҳр эътикоф бинишинанд, аз тамоми аҳли маҳалла ва он шаҳр соқит мегардад ва бо тарки он ҳама гунаҳкор мешаванд.

в) Дар ғайри ин ду ҳолат эътикоф нишастан мустаҳаб (нафл) аст.

Барои эътикофи воҷиб рӯза шарт аст. Бинобар ин, шахсе, ки эътикоф менишинад, рӯза ҳам бояд бигирад. Ба ҳамин хотир, агар нияти эътикоф нишастан дар шабро (танҳо як шабро бе рӯз) кунад, он ботил ва бекор аст, вале агар нияти эътикофи чанд шабро намояд, эътикофи он шабҳо бо рӯзҳояшон ба таври пайваста бар вай воҷиб мегарданд.

Вақте нияти эътикоф нишастан дар рӯзро намояд, шаб табъан дар он дохил мешавад ва бояд рӯзро бо шабаш бинишинад, вале касе нияти танҳо як рӯз эътикоф нишастанро намояд, шабро дар бар намегирад.

Касе ба тариқи назр ду рӯз эътикоф ва ё бештар аз онро бар худ воҷиб гардонад, шабҳояш низ дар он дохил мешаванд ва бояд он ду рӯзро бо шабҳояш ба таври пайваста эътикоф бинишинад. Шаби аввал пеш аз ғуруби офтоб бо нияти эътикоф ба масҷид дохил мешавад ва дар рӯзи охири эътикоф пас аз ғуруб аз он хориҷ мешавад. Шабҳо тобеи рӯзҳои оянда мебошанд. Агар эътикофи танҳо як рӯзро назр намояд, онро пеш аз дамидани субҳ шурӯъ мекунад ва пас аз нишасти офтоб ба поён мерасонад. Эътикофи даҳаи ахири моҳи Рамазонро пеш аз ғуруби офтоби рӯзи бистум – пеш аз шоми шаби бистуякум сар мекунад ва пас аз дамидани субҳи рӯзи ид ба поён мерасонад.[1]

Агар моҳи Рамазон бисту нуҳ бошад, нуҳ шабонарӯз ва агар сӣ бошад, даҳ шабонарӯзи комил эътикоф менишинад.

Тавсияҳои суннати набавӣ ба дучанд намудани талошҳои хайр ва тоату ибодат дар он бо эҳёи шабҳояш ба зикру ибодат, тиловат ва мудорасаи Қуръони карим, зиёд намудани амалҳои нек ва дигар осори мусбат таъкид намудааст.

Дар эътикофи суннат бошад, дигар даҳаи охири моҳи Рамазон аст, рӯза ҳатман ҳаст ва шарт донистани рӯза дар он маъное надорад, зеро онро бе рӯза тасаввур кардан имкон надорад.

Барои камтарин муддати эътикофи мустаҳаб (нафлӣ) миқдори вақт муайян нагардидааст ва дар он рӯза ҳам шарт нест, он метавонад як рӯз, нисфи рӯз, як соат ва ё камтар аз он ва ҳатто чанд лаҳзае ҳам бошад.

Дар ҳолати эътикоф нишастан, чӣ тавре зикр гардид, ду навъ кор ҳаром аст ва бо содир намудан онҳо эътикофи воҷиб ва суннат фосид мегардад ва бояд қазои он ба ҷо оварда шавад, аммо эътикофи мустаҳаб хотима меёбад: 1. Аз ҷои эътикофи худ бе зарурат хориҷ шудан, 2. муқорабат (ҳамбистарӣ) ва бӯсу бозӣ кардан бо зан.

ЗАРУРАТҲО ВА НИЁЗҲО ДАР АСНОИ ЭЪТИКОФ

Ниёзҳо ва заруратҳое, ки шахси эътикофнишаста метавонад барои онҳо аз ҷои эътикофаш берун ояд, бар се қисманд. Дар ду қисми аввал эътикофи воҷиб ва суннат фосид намегардад, вале дар қисми сеюмаш фосид мешавад.

1. Табиӣ, ба монанди: а) қазои ҳочат рафтан; б) омода намудани хӯрду хӯрок, дар сурате ки касе набошад, ки дар ин кор ба ӯ кумак намояд.

Корҳои зерин низ аз ҷумлаи ниёзҳои табиии шахси муътакиф буда, анҷом додани онҳо дар масҷид барояш ҷоиз мебошад:

Хӯрдану нӯшидан, 2. хоб рафтан, 3. шона ва тоза кардани мӯи сар ва риш, 4. бо мардум сӯҳ-

[1] Берун шудан аз эътикофи даҳаи ахири Рамазон пас аз ғуруби офтоби шаби ид ҷоиз аст, вале фуқаҳо авло донистаанд, ки муътакиф он шабро низ дар масҷид ба эътикоф гузаронад ва саҳар аз ҷо ба намозгоҳ равад. Дар ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия (Ҷ. 30. – С. 116–117) ба нақл ва Ҳошияи Ибни Обидин овардааст: Ва барои касе, ки мехоҳад дар даҳаи ахир (-и моҳи Рамазон) эъикоф бинишинад, мустаҳаб аст, ки пеш аз ғуруубби офтоби шаби бисту якуми Рамазон ба масҷид дарояд, он гоҳ шаби идро низ ҳамон тавр дар он бигузаронад, сипас дар аввали рӯз ҳамон тавр ба намозгоҳи ид равад, аз ҷиҳати феъли он ҳазрат (с).

Он гоҳ афзуда: Иброҳими Нахаъӣ мефармояд: (Пешиниён) барои касе, ки дар даҳаи ахири Рамазон эътикоф менишинад, дӯст медоштанд, ки шаби иди Фитро низ дар масҷид гузаронад, он гоҳ дар аввали рӯз аз масҷид рост ба намозгоҳ равад.

батҳои шаръӣ кардан, 5. иваз кардани либосҳо ва атру хушбӯй задан, 6. агар бемор гардад, худро муолиҷа намудан, 7. таълим гирифтан ва таълим додани Қуръон ва дигар илмҳои шаръӣ, 8. шустан ва дӯхтани либосҳои чиркингашта ва дарида, 9. хориҷ шудани бод аз шикам дар ҳолати зарурӣ ва дигар ниёзҳои бадан.[1]

Ҳамчунин шахси муътакиф метавонад барои азон гуфтан аз масҷид берун барояд ва пас аз азон фавран ба масҷид баргардад, хоҳ дар он масҷид муаззини расмӣ бошад, хоҳ не.[2]

2. Шаръӣ, ба монанди ба ҷо овардани намози ҷумъа ва намози идайн, ҳамчунин барои анҷом додани ғусли ҷанобат. Агар дар дохили масҷид имконоти ғусл гирифтан мавҷуд набошад, метавонад ба беруни масҷид барояд ва дар ғуслгоҳ ғусл намояд, агар дар атрофи масҷид низ ғуслгоҳ ва ё имконоти ғусл намудан мавҷуд набошад, метавонад ба хонааш биравад ва пас аз ғусл фавран ба масҷид баргардад. Барои вузӯ низ метавонад аз масҷид хориҷ шавад ва собуну сарчоқ ва асбоби дандоншӯияшро ба ҳамроҳ бигирад.[3] Вале агар барои ғусли мустаҳабӣ ва сунатӣ, ба монанди ғусли рӯзи ҷумъа аз масҷид хориҷ шавад, эътикофаш фосид мегардад.

3. Зарурӣ, ба монанди наҷот додани ғарқшаванда, хомӯш кардани сӯхтор, тарси фурӯ рафтани сақфи боми масҷид ва ғайра. Тарк намудани ҷои эътикоф ба сабаби пешомадҳое, ки аҳёнан (гоҳе) воқеъ мешаванд, ба монанди ҳодисаҳои мазкур бар хилофи мароми эътикоф мебошад ва эътикофро фосид мегардонад. Дар тамоми ин ҳолатҳо хориҷ шудан аз эътикоф гуноҳ нест, балки барои наҷот ва нигаҳдории ҷони худ ва дигарон лозим аст, аммо эътикоф фосид мешавад. Ҳамчунин, бо аёдати бемор ва ҳузур дар маросими ҷаноза ва ғайра эътикоф фосид мешавад, вале гунаҳгор намегардад.

Пас аз бароварда сохтани заруратҳо ва ниёзҳои ду навъи аввал шахси эътикофнишаста бояд фавран ба ҷои эътикофаш баргардад.

– Агар имоми панҷвақтае эътикофро дар масҷиди ҷомеъ (ҷумъахонӣ) гузаронад, он бо кароҳият ҷоиз мешавад. Зеро қавмаш бе имом мемонанд.

– Агар аз рӯи фаромӯшӣ ҷои эътикофашро тарк намояд, эътикофаш фосид мегардад.

Аммо агар шахси эътикофнишастае барои бартараф намудани заруратҳои табиӣ ва ё шаръӣ аз ҷои эътикофаш берун шавад ва пеш ё баъд аз он ба аёдати беморе равад, он ишколе надорад.

Барои адои намози ҷумъа бояд фурсатеро дар назар бигирад, ки дар он фурсат битавонад таҳийяи масҷид ва суннати ҷумъаро дар масҷиди ҷомеъ бигузорад. Баъд аз гузоридани фарз метавонад барои хондани суннат таваққуф намояд.

Вақте ба таври маҷбурӣ аз ҷои эътикофаш берун карда шавад, эътикофаш фосид мегардад. Мас., бо иттиҳоми ҷиноят аз тарафи додгоҳ дастгир ва аз масҷид берун карда шавад, эътикофаш фосид мегардад.

Барои рафъи зарурати шаръӣ ва ё табиие аз ҷои эътикофи худ берун гардад ва баъд аз он бемор шавад ва ё пешомади дигаре рӯй диҳад, ки сабаби таъхири баргаштан ба ҷои эътикофаш гардад, эътикофаш фосид мегардад.

Дар ҳолати эътикоф бе зарурат ба корҳои дунявӣ, ба монанди тиҷорат ва ғайра машғул гардидан макрӯҳ аст, вале дар зарурат боке надорад. Албатта, дар сурати раво будан низ набояд амволи тиҷоратияшро ба масҷид оварад.

Дар вақти эътикоф куллан хомӯш нишастан макрӯҳи таҳримӣ мебошад. Албатта, аз суханони зишту беманфиат бояд парҳез намояд, вале набояд ба таври куллӣ хомӯш нишинад, балки ба хондани Қуръон, зикр кардан ва намоз гузоридан машғул гардад.

Агар дар натиҷаи пешомад ва ҳодисае, ба монанди сӯхтор ва дигар ҳаводиси табиӣ натавонад ба эътикофи худ дар он масҷид идома диҳад, дар он сурат ҷоиз аст ба масҷиди дигаре гузарад ва эътикофи худро дар он ҷо ба поён расонад.

Вақте эътикофи воҷиб ва суннат бо яке аз ҳолатҳои номбурда фосид гардад, қазо доштани он дар вақти дигар воҷиб аст. Эътикофи воҷибро ба андозаи рӯзҳое, ки бар худ воҷиб гардонидааст, қазо медорад ва эътикофи суннатро як рӯз қазо медорад. Дар эътикофи воҷиб пай дар пай ба ҷо овардани он воҷиб мебошад ва қазои он низ бояд пай дар пай, яъне

[1] Шайхулислом Мавлоно Муҳаммадтақии Усмонӣ, Масоил ва аҳкоми эътикоф (тарҷимаи форсӣ, Ёрмуҳаммади Амро). – С. 57. – Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом. 2001. Минбаъд: Масоил ва аҳкоми эътикоф.

[2] Ҳамон сарчашма. – С. 47.

[3] Ҳамон сарчашма. – С. 44, 45.

пайваста ба ҷо оварда шавад.

Чӣ тавре зикр гардид, эътикофи даҳаи ахири моҳи Рамазон суннат аст, вале чун эътикофи ҳар рӯзи он аз рӯзҳои дигар мустақил мебошад, дар сурати фосид шудан танҳо қазои як рӯз бар вай воҷиб мегардад. Эътикофи мустаҳаб бошад, ба маҳзи фосид шудан ба поён мерасад ва дигар қазое надорад.

Шоёни зикр аст, ки бо хӯрдани рӯза эътикоф низ фосид мешавад. Зеро рӯза дар эътикофи воҷиб ва суннат шарт аст. Дар вақти ба ҷо овардани қазои эътикофи воҷиб ва суннат пас аз моҳи Рамазон ҳатман бояд рӯза бигирад.

ЭЪТИКОФИ ЗАНОН

Занон низ аз ҳуқуқи анҷом додани ин барномаи худсозии ибодӣ бархӯрдор мебошанд, вале онҳо бояд дар хонаҳояшон дар ҷое, ки барои баргузории намозҳо ихтисос дорад, эътикоф бинишинанд. Дар масҷиди умумӣ эътикоф нишастани онҳо ҷоиз намебошад, аммо агар қисмате аз бинои масҷид барои намозгузории занон ҷудо гардида бошад, онҳо метавонанд дар он ҷо эътикоф нишинанд. Барои занон ҳамон ҷое, ки дар он эътикоф нишастаанд, ҳукми масҷидро дорад. Пас бояд тамоми одоб ва муқаррароти эътикофро дар он ҷо риоя намоянд.

Занони шавҳардор барои анҷоми ин барномаи ибодӣ бояд аз шавҳаронашон иҷозат бигиранд. Агар зане пас аз шурӯи эътикоф узри моҳона бинад, бояд аз эътикоф хориҷ шавад ва пас аз поёни давраи ҳайзаш як рӯз қазои онро дар эътикофи суннат ба ҷой оварад. Қазои эътикофро баъд аз моҳи Рамазон низ мешавад ба ҷой овард. Як рӯз нияти рӯза намуда, эътикоф менишинад, зеро дар эътикофи воҷибӣ ва суннатӣ рӯза шарт мебошад. Зан дар вақти эътикоф бояд аз ҳайзу нифос пок бошад.[1]

БА ИСТИҚБОЛИ ИДИ РАМАЗОН

Барги таҳвил мекунад Рамазон,
Бори тавдеъ бар дили ихвон.
Моҳи фархунда рӯй барпечид,
Ва алайка-с-салом, ё Рамазон!
Алвидоъ, эй замони тоату хайр,
Маҷлиси зикру маҳфили Қуръон!
(Саъдӣ)

[1] Ҳамон сарчашма. – С. 69, 70.

Дар поёни моҳи Рамазон рӯзи якуми моҳи шаввол иди Фитр мебошад. Мусулмонони рӯзадор бо шавқу шӯри имонӣ барои истиқболи он рӯз омода мегарданд. Аз воҷиботи динӣ дар он рӯз танҳо ду чиз бар онҳо боқӣ мондааст: Яке додани закоти (садақаи) Фитр ва дигаре баргузории намози бошукӯҳи ид. Мусулмонон бо анҷом додани ин ду воҷиби динӣ ба моҳи шарифи Рамазон то соли оянда хайру хуш менамоянд.

Пас аз он ба хонаи дӯстону наздикон ва ба дидори якдигар мешитобанд. Дар ин дидорбиниҳо барои қабули тооту ибодоти моҳи мубораки Рамазон дар ҳаққи якдигар дуоҳои нек ва орзуҳои хайр менамоянд. Паёмбар (с) дар ҳадиси қудсие мефармояд, ки Худованд гуфт: ***«Муҳаббати Ман барои дӯстикунандагони дар роҳам, ҳамнишинони дар роҳам, дидорбинандагони дар роҳам ва сарфкунандагони дар роҳам воҷиб гардидааст»***.[2]

Дар ислом аслан ду ид: яке ҳамин иди Фитр ва дигаре иди Азҳо (Қурбон) вуҷуд дорад. Худованд ин ду идро ҷойгузини тамоми идҳо, ҷашнвораҳо ва хурсандиҳо гардонидааст. Бандаи муъмин ба онҳо ифтихор менамояд, зеро онҳо аз ҷониби ойини муқаддаси ислом муайян гардида ва дар зери пӯшиши баракоти Худованд қарор гирифтаанд.

Ривоят шудааст, ки *«Вақте расули Худо (с) ба Мадина омад, мардуми он ҷо ду рӯзи хушию бозӣ ва иду шодмонӣ доштанд. Пурсид:* ***Инҳо чӣ рӯзеанд?*** *Гуфтанд: Дар замони ҷоҳилият дар ин ду рӯз бозию хушӣ мекардем. Расули Худо (с) фармуд:* ***Худованд онҳоро барои шумо ба ду рӯзи беҳтаре – рӯзи (иди) Азҳо ва рӯзи (иди) Фитр – табдил намуд»***.[3]

Ид дар фарҳанги исломӣ аз ҷашнвораҳо ва идҳое, ки дар миёни миллатҳои дигар вуҷуд доранд, куллан фарқ мекунад. Иду ҷашнҳо дар фарҳангҳои ғайри исломӣ, умуман, маросими хушиҳои сирф моддӣ ва баҳрамандӣ аз барномаҳои ҳунарӣ ба шумор рафта, аксаран бо баргузории чорабиниҳои фароғатӣ ва як силсила тадорукоти фарҳангӣ (рақсу бозӣ) таҷлил мешаванд.

[2] Муваттаи имом Молик, 826. – Ҷ. 2. – С. 953; Муснади имом Аҳмад, 21525. – Ҷ. 6. – С. 307; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 574. – С. 149; Мустадраки Ҳоким, 7394. – Ҷ. 5. – С. 235. Ҳоким исноди онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст.

[3] Сунани Абудовуд, 1134; Сунани Насоӣ, 1557.

Вале ид дар мафҳуми исломӣ ҷашнвораи ибодатӣ-фарҳангӣ ва барномаи рушди маънавӣ ва такофули иҷтимоӣ буда, ба маънои изҳори сипос ва шукргузорӣ аз неъмати анҷоми фаризаи илоҳӣ, намоиши мазҳари ҳамбастагии динӣ ва таҳкими пайвандҳои имонӣ дар миёни қишрҳои ҷомеа аст. Ид таҷаллии робитаи банда бо Худо ва изҳори иноёти бепоёни Ӯ бар муъминон аст. Бинобар ин, он бо чорабиниҳои ибодатӣ – додани садақаи Фитр ва баргузории намоз дар рӯзи иди Фитр ва баргузории намози ид ва забҳи қурбонӣ дар рӯзи иди Қурбон – оғоз ва бо табрику шодбоши якдигар ва зиёрати хешону наздикон хотима меёбад.

Ривоят шуда, ки расули Худо (с) роҳи рафту баргашташро дар намози ид дигар мекард ва ин амр барои мусулмонон мустаҳаб аст. Уламо дар баёни ҳикмати он гуфтаанд, то ба одамони бештаре дар роҳ вохӯранд ва ба онҳо шодбошу таҳният бигӯянд.

Ҳамчунин оростани суфраи идона ва омода сохтани хӯрданиҳои гуногун дар он рӯз, ба шарте ба ҳадди исроф нарасад, хуб аст ва он ба гунае изҳори неъматҳои Парвардигор ба шумор меравад. Қуръони карим мефармояд: **«Ва аммо аз неъматҳои Парвардигорат пас сухан бигӯ!»** (93: 11).

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, дини мубини ислом дар рӯзҳои ид ҳам барномаҳои ибодатӣ-фарҳангӣ ва ҳам чорабиниҳои хурсандӣ ва моидаи неъматҳои моддии Худовандро бо тавозуни дақиқе барои муъминон пешбинӣ намудааст.

Афсӯс, ки айёми шарифи Рамазон рафт,
Сӣ ид ба як мартаба аз дасти ҷаҳон рафт.
Афсӯс, ки сӣ пораи ин моҳи муборак,
Аз даст ба якбора чу авроқи хазон рафт.
Моҳи Рамазон ҳофизи ин галла буд аз гург,
Фарёд, ки зуд аз сари ин галла шубон рафт![1]

(Соиби Табрезӣ)

Миллатҳои мусулмон аз ибтидои ислом, то ба имрӯз иди Рамазонро бо шукӯҳи хос ва дар таносуб бо арзишҳои миллии худ таҷлил менамоянд. Дар гузаштаи таърих дар Макка шаби иди Рамазон, ба монанди шаби бисту ҳафтуми он – шаби Қадр, дар тамоми сатҳи Ҳарам, манораҳои атрофи он ва сатҳи масҷиде, ки дар болои кӯҳи Абуқубайс воқеъ буд, шамъҳо ва қандилҳо афрӯхта мешуданд. Муаззинон он шабро то субҳ ба такбиру таҳлил ва зикру тасбеҳ ва оммаи мардум ба тавофу намоз ва зикру дуо барпо медоштанд. Пас аз адои намози бомдод шитобон ба хонаҳо баргашта, либосҳои идона мепӯшиданд ва барои адои намози ид дубора ба масҷид меомаданд ва дар саҳни Ҳарам дар ҷое менишастанд. Аввалин касе, ки рӯзи иди Рамазон ба Ҳарам ворид мешуд, банӣ Шайба – ҳоҷибони хонаи Худо буданд. Дари хонаи Каъбаро мекушоданд ва бузурги қабила дар остонаи дари он ва дигарон дар пешаш менишастанд, то он ки амири Макка меомад.[2]

Дар кишвари мо, ба хусус манотиқи ҷанубии он, мардум иди Рамазонро бо омодабоши хосе муносиб ба шаъни ин моҳи илоҳӣ пешвоз мегиранд, суфраи идонаи худро бо нуқлу мева, ҳалвову ширинихои гуногун ва анвоъе хӯрданиҳо меороянд ва аввалин амале, ки ид бо он оғоз мешавад, омадани писарону духтарони хурдсол ҳамзамон бо дамидани субҳ ва дар ҳавои ниматорик ба дари хонаи ҳамсоягон аст, ки бо кушодани дар ба рӯяшон бо садои дилнавозе: «Иди шариф муборак!» мегӯянд.

Иди Фитр омаду Рамазон гашт тамом,
Бар шумо ҳамсафарони сафари рӯза салом!
Рӯзаҳотон ҳама дар пеши Худованд қабул,
Рӯзгори хушатон мазҳари тавфиқ мудом!
Иззату ҳиммататон шоҳиди таъйиду зафар,
Идатон хурраму ширинятон бод ба ком!

(Начво)

[1] Ишора ба маънои ҳадисе аст, ки паёмбар (с) дар қисмате аз он мефармояд: ***«… ва дасту пои шайтонҳо низ баста мешаванд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1898, 3277. Саҳеҳи Муслим, 2492 (1079)-1). Пас ба тариқи истиора моҳи Рамазон ба шубон (чупон)-е ташбеҳ шудааст, ки рӯзадоронро аз васваса ва кайди шайтон нигаҳбонӣ мекунад ва ба поён расидани он моҳ ба маънои рафтани шубон ва ба ҳоли худ раҳо шудани галла аст.

[2] Шамсуддин, Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Лавотӣ ат-Танҷӣ маъруф ба Ибни Батута. Реҳлату Ибни Батута, ал-мусаммоту туҳфата-н-нуззор фӣ ғароиби-л-амсори ва аҷоиби-л-асфор маъруф ба Сафарномаи Ибни Батута. – С. 103–104. – Қоҳира, 1958.

Фасли панҷум

ҚУРБОНӢ (УЗҲИЯ)

Қурбонӣ[1] кардан савоби бисёре дорад. Паёмбари акрам (с) фармуда: ***«Дар рӯзи иди Қурбон (пас аз ибодатҳои фарз) ҳеҷ ибодате ба даргоҳи илоҳӣ ба андозаи рехтани хуне (қурбонӣ кардан) мақбулу писандида нест …»***.[2] Пеш аз расидани қатраҳои хуни ҳайвони забҳгашта ба замин, қурбонии шумо мақбули даргоҳи Парвардигор мегардад. Аз ин рӯ, бандаи муъмин бояд бо дили пургунҷоиш (кушода) ва шавқи некӣ қурбонӣ намояд. Паёмбари акрам (с) низ фармуда: ***«Қурбоникунанда ба андозаи мӯйҳои ҳайвони забҳгашта савоб мегирад».***[3] Пас барои ба даст овардани чунин савобе шахсе, ки ҳанӯз қурбонӣ бар вай воҷиб нагаштааст, агар қурбонӣ кунад, корест бас накӯ.

Қурбонӣ аз бошукӯҳтарин шиорҳои ислом дар рӯзи иди Қурбон буда, дар пешгоҳи Худованд аз пуразиштарин аъмол ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар Қуръони карим дар канори намоз зикр гардидааст, он ҷо ки мефармояд: **«Пас барои Парвардигорат намоз бигузор ва қурбонӣ кун!»**.[4]

Ин ойин ва расми ибодӣ дар рӯзҳои ид аз куҳантарин шиорҳои динӣ ва суннатҳои худовандӣ аст, ки дар муносибатҳои динӣ ва идҳои умматҳои пешин низ ба таври барҷастае ба чашм мехӯрад. Худованд мефармояд: **«Ва барои ҳар уммате шиор (ва мансак)-е гардонидаем, то номи Худоро бар он чи аз баҳимаи анъом ба онҳо рӯзӣ додааст, ёд намоянд»**.[5] Аз Алӣ ибни Абуталҳа аз Ибни Аббос (рз) ривоят шуда, ки мурод аз калимаи «мансак» дар ин оят ид аст ва аз Икрима ривоят шудааст, ки манзур аз он забҳ ва қурбонӣ аст.[6]

Баъзе муфассирон гуфтаанд, ки манзур аз намоз ва наҳр дар ояти карима: **«Пас барои Парвардигорат намоз бигузор ва наҳр кун»**[7] намози иди Қурбон ва қурбонӣ дар он рӯз мебошад.[8]

Қурбоникунанда ҳангоми забҳ ин дуоро бихонад:

«Иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳия лиллазӣ фатара-с-самовоти ва-л-арза ҳанифан ва мо ана мина-л-мушрикин. Инна салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ лиллоҳи рабби-л-ъоламин. Ло шарика лаҳу ва бизолика умирту. Ва ана мина-л-муслимин. Аллоҳумма, минка ва лака – *Ба таҳқиқ, ман рӯи хешро ба сӯи он Зоте намудам, ки осмонҳо ва заминро биофарид, покона (аз тамоми динҳои ботилу бе бунёд ба сӯи ҳақ рӯй ованда) ва ман аз ҷумлаи мушрикон нестам. Ҳаққо, ки намозу парастишҳо ва зиндагониву маргам ҳама барои Худо, он Парвардигори ҷаҳониён аст, ки шарике онро набошад. Ва ба ҳамин асл амр шудаам ва ман аз ҷумлаи бандагони мусулмони Худо ҳастам. Бор Худоё! Ин қурбонӣ аз Ту ва барои ризои Ту мебошад».*[9]

---

[1] Қурбонӣ -/хо/. дин: ба маънои ҳайвоне аст, ки онро барои ба даст овардани ризои Худо ва наздикӣ ба Ӯ қурбон мекунанд. Онро дар истилоҳи уламои фиқҳ узҳия мегӯянд, ки он низ ба маънои ҳайвони қурбонӣ аст.

[2] Сунани Тирмизӣ, 1493. Сунани Ибни Моҷа, 3126. Дар идомаи ҳадис омадааст: ***«…Рӯзи қиёмат ҳайвони қурбонӣ ҳамроҳи шоҳҳо, пашмҳо ва сумҳояш дар ҳисоби некиҳои шахс бармеояд. Хуни қурбонӣ пеш аз он ки ба замин бирезад, дар ҷойгоҳе дар пеши Худованд қарор мегирад. Пас бо хотири шод қурбонӣ намоед»***.

[3] Сунани Тирмизӣ, 1493. Сунани Ибни Моҷа, 3127.

[4] Кавсар, 108: 2.

[5] Ҳаҷ, 22: 34.

[6] Мисбоҳи мунир (гузидаи тафсири Ибни Касир). – С. 895.

[7] Кавсар, 108: 2.

[8] Тафсири Табарӣ. – Ҷ. 10. – С. 8807.

Ҷумҳури муфассирон иттифоқи назар доранд, ки мурод аз наҳр (نحر) дар ин оят қурбонӣ аст, вале дар мавриди намозе, ки дар ин оят ба он амр шудааст, ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо онро намозҳои фарзӣ гуфтаанд, баъзеҳо намози иди Қурбон донистаанд ва баъзеҳо ба маънои дигар гирифтаанд.

[9] Сунани Абудовуд, 2795. Дар Сунани Абудовуд омадааст, ки ***«Паёмбар (с) дар рӯзи иди Қурбон ду қӯчқоре…***

Он гоҳ **«Бисмиллоҳ валлоҳу акбар»** гуфта, онро забҳ намояд.[1] Пас аз забҳ ин дуоро бихонад: «Аллоҳумма, тақаббалҳу миннӣ, камо тақаббалта мин ҳабибика Муҳаммадин (с) ва халилика Иброҳима (а)». ***(Бор Худоё! Ин қурбониро аз ман бо ҳамон дастуре, ки аз дӯстдошта ва дӯсти Худ Муҳаммад (с) ва Иброҳим (а) қабул фармудӣ, қабул бифармо)***.

Бар шахсоне, ки садақаи Фитр воҷиб буд, қурбонӣ низ воҷиб аст. Шахсе, ки бар вай қурбонӣ воҷиб нагаштааст, агар қурбонӣ кунад, кори накӯ ва аҷри беҳисобе касб менамояд.

Шартҳое, ки қурбонӣ бо фароҳам омадани онҳо бар шахс воҷиб мегарданд: а) ислом, б) озодӣ (дар қайди ғуломӣ набудан), в) ғино ва боигарӣ[2] ва г) муқим будан (дар ҳолати сафар қарор надоштан)[3] ҳастанд ва шартҳои дуруст гардидани он: а) чорвои қурбонӣ аз ҷумлаи баҳимаи анъом – шутур, гов, говмеш ва бузу гӯсфанд бошад, б) синнаш барои қурбонӣ расида бошад ва в) аз айбҳо ва бемориҳое, ки аз сӯи шаръ зикр шудаанд, солим бошад.

ВАҚТИ ҚУРБОНӢ КАРДАН

Аз аввали бомдоди рӯзи 10-уми моҳи зулҳиҷҷа (рӯзи ид) то шоми рӯзи 12-уми он қурбонӣ кардан ҷоиз аст, хоҳ шаб бошад ё рӯз, вале он рӯзи даҳум, ки рӯзи якуми ид ва аввали вақти қурбонӣ аст, беҳтар аст.

Дар ҷойҳое, ки хондани намози ид воҷиб мебошад, пеш аз ба ҷо овардани маросими намоз қурбонӣ кардан ҷоиз нест ва дар ҷойҳое, ки намози ид воҷиб нест, ба монанди деҳаҳои хурду дурдаст ва рустоҳои камодам, пас аз дамидани субҳи рӯзи даҳум қурбонӣ кардан ҷоиз аст.[4] Барои фаро расидани вақти забҳи қурбонӣ ҷои забҳи он ба эътибор гирифта шудааст, на ҷои зиндагонии қурбоникунанда.[5]

забҳ кард ва вақте онҳоро рӯй ба қибла хобонд, ин дуоро хонд».

[1] Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) ҳангоми забҳи қурбонӣ гуфт: Бисмиллоҳи валлоҳу акбар. Ин аз ҷониби худам ва ҳар касе аз умматам, ки қурбонӣ накардааст»*** (Сунани Абудовуд, 2810. Сунани Тирмизӣ, 1521).

[2] Манзур аз ғино дар ин ҷо он дараҷае аз дороист, ки садақаи Фитр бо вуҷуди он бар шахс воҷиб мегардад, гарчи амвол ва он дороие, ки закот ба онҳо тааллуқ мегирад, ба нисоб нарасида бошанд.

[3] Бар асоси назароти машоихи ҳанафӣ қурбонӣ бар шахси мусофир воҷиб нест, агарчи пеш аз баромадан ба сафар чорвое барои он харида бошад. Баъзе машоих масъаларо чунин баррасӣ карда, ки агар шахси доранда – бой пеш аз сафар чорвое барои қурбонӣ харидорӣ кунад, сафараш хоҳ пас аз фаро расидани вақти вуҷуби он – дамидани субҳи рӯзи наҳр (ид) сурат гирад ё пеш аз он, забҳи он бар вай воҷиб нест, зеро бар чунин шахсе аз назари шаръ як қурбонӣ воҷиб аст ва сабаби вуҷуби он муқим будан дар охирин ҷузъи вақти пешбинишуда барои он аст, ки аз шахси мусофир фавт гаштааст. Вале агар шахс нодор – камбағал бошад, забҳи он пас аз харидорӣ ба вай воҷиб мегардад, хоҳ пеш аз фаро расидани вақти вуҷуби он ба сафар баромада бошад ё пас аз он, зеро таъйини он барои қурбонӣ бо харидаш собит мешавад ва он барои вай дар ҳукми назр аст, бинобар ин, забҳаш бар вай воҷиб аст.

[4] Дар ривоятҳои зиёде омадааст, ки забҳи пеш аз намоз қурбонӣ ба шумор намеравад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Аввалин ибодате, ки рӯзи идамонро бо он шурӯъ мекунем, он аст, ки намозро мегузорем. Пас аз он бармегардем ва қурбониамонро забҳ менамоем. Касе чунин кунад, суннатро дарёфтааст ва касе пеш аз намоз забҳ намояд, он қурбонӣ нест, балки гӯште аст, ки бо шитоб барои хонаводааш тақдим намудааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 951, 955, 965, 968, 976; Саҳеҳи Муслим, 5042 (1961)-4, 5043 (…)-5, 5044 (…)-6; Сунани Абудовуд, 2800, 2801; Сунани Тирмизӣ, 1508; Сунани Насоӣ, 1562, 1569). Дар ривоятҳои дигар омадааст: ***«Касе пеш аз намоз забҳ карда бошад, ба ҷои он қурбонии дигаре забҳ намояд ва касе ҳанӯз забҳ накарда бошад, пас бо номи Худо қурбониашро забҳ намояд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 985, 5500; Саҳеҳи Муслим, 5037 (1960)-1, 5041 (…)-3; Сунани Насоӣ, 441, 4380; Сунани Ибни Моҷа, 3152).

Вақти вуҷуби қурбонӣ бо дамидани субҳи рӯзи иди Қурбон дар ҳама ҷо – шаҳру деҳот ба таври яксон фаро мерасад, вале вақти вуҷуби адои он барои сокинони шаҳрҳо, шаҳракҳо, марказҳои маъмурии ҷамоати деҳот ва ҷойҳое, ки дар онҳо намози ид барпо дошта мешавад, пас аз баргузории намози ид аст ва пас аз хутба авло аст.

[5] Бинобар ин, шаҳрнишине дар русто – ҷое, ки намози ид дар он баргузор намешавад, қурбонӣ кунад, забҳи он пас аз дамидани субҳи рӯзи ид ҷоиз аст ва баръакс агар рустоие дар шаҳр қурбонӣ кунад, забҳи он пас аз баргузории намози ид ва ё гузаштани вақте ба миқдори баргузории он дуруст мешавад. Агар дар чанд нуқтаи шаҳр намози ид баргузор гардад, бо пештарин намозе, ки баргузор мегардад, забҳи қурбонии сокинони он ҷоиз мегардад.

Агар шаҳрнишине забҳи барвақттари қурбонии худро бихоҳад, метавонад онро ба беруни шаҳр – деҳа ва ҷое, ки дар он намози ид баргузор намегардад, фиристад ва ё аз ҳамон ҷо ба таври ваколат чорвое харидорӣ кунад ва дар он ҷо пас аз дамидани субҳ забҳ шавад, вале дурии он, ҳамон гуна ки дар Рад(д) омадааст, бояд ба миқдори масирати сафар бошад (Ҳидояи шариф. – Ҷ.

Шахсе дар шаҳр зиндагӣ кунад ва қурбонии худро ба рустое (деҳае) фиристад, то пас аз дамидани субҳ ба тариқи ваколат аз тарафаш қурбонӣ кунанд, ҷоиз аст.

Дар рӯзи дувоздаҳуми зулҳиҷҷа то замоне ки офтоб ғуруб накарда бошад, қурбонӣ ҷоиз аст. Пас аз ғуруб дигар ҷоиз намегардад.

Шахсе дар рӯзи даҳум ва ёздаҳуми зулҳиҷҷа мусофир бошад ва рӯзи дувоздаҳум муқим гардад ё дар рӯзи аввал мискин бошад ва дар рӯзи сеюм сарватманд гардад, қурбонӣ бар вай воҷиб мегардад.

Шахсе, ки метавонад худаш забҳ намояд, беҳтар аст қурбонии худро шахсан худаш забҳ намояд, агар худаш натавонад, каси дигаре дар ҳузури вай онро забҳ намояд.

Қурбонӣ танҳо аз тарафи худаш воҷиб аст, на аз тарафи фарзандон ва ё шахси дигаре.

ҲАЙВОНОТЕ, КИ ҚУРБОНИИ ОНҲО ҶОИЗ АСТ

1. Ҳайвоноти қурбонӣ баҳимаи анъом – буз, гӯсфанд, шутур, гов ва говмеш мебошанд. Пас агар касе чаҳорпоёни ҳалолгӯшти дигареро ғайр аз баҳимаи анъом, ба монанди асп ва ё паррандаеро ба монанди мурғ, кабк ва ғайра ба нияти қурбонӣ забҳ намояд, на танҳо он ҷоиз намегардад, балки агар эътиқоди ҷавози қурбонии онҳоро дошта бошад, гунаҳкор мегардад, зеро шореъи ҳаким навъи ҳайвоноти қурбониро худ муайян намудааст ва касе ҳаққи афзудан бар онро надорад. Аммо бо мақсади хайр забҳи онҳо низ дуруст аст. Ҳамчунин ҳайвони қурбонӣ бояд хонагӣ бошад ва қурбонӣ кардани бузи кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ, сайд ва гови ваҳшӣ дуруст нест. Зеро Худованд танҳо баҳимаи анъомро барои қурбонӣ зикр карда, он ҷо ки мефармояд: **«То номи Худоро бар он баҳимаи анъоме, ки барояшон рӯзӣ додааст, зикр намоянд»**[1] ва дар таълимоти суннати набавӣ низ танҳо онҳо барои қурбонӣ муносиб дониста шудаанд.[2]

2. Дар шутур ва гов, чи гунае ки ширкати ҳафт нафар дуруст аст, агар панҷ нафар ва камтар аз он ҳам бо ҳамон шартҳои зикршуда шарик гарданд, ҷоиз аст.

3. Ҳайвоне, ки барои қурбонӣ омода намуда буд, ногаҳон гум ва ё дуздида шавад ва ба ҷои он ҳайвони дигаре бихарад, дар ин вақт – дар рӯзҳои қурбонӣ ҳайвони якум – гумшуда низ пайдо шавад, агар шахс сарватманд бошад, қурбонӣ кардани яке аз онҳо бар вай воҷиб аст, вале агар фақир бошад, қурбонӣ кардани ҳар ду воҷиб мебошад.[3]

---

5. – С. 132; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 9. – С. 529).

[1] Сураи Ҳаҷ, 22: 34.

[2] Агар дар сарзамине ҳайвоноти ҳалолгӯшти ваҳширо, ки аз ҷинси ҳайвоноти баҳимаи анъом ва мансусун алайҳ дар шаръ ҳастанд, ба монанди буз, гӯсфанд ва гови кӯҳӣ, ром ва ба сурати ҳайвоноти хонагӣ парвариш кунанд, қурбонӣ кардан аз онҳо бо риояи шартҳое, ки бораи қурбонӣ ва ҳайвоноти пешбинишуда барои он зикр шудаанд, ҷоиз аст. Аз шумори ин гуна ҳайвонот аст кажгов (ғажгов, ғашғов ва ғ.), ки онро ба туркии хутойӣ кутос гӯянд. Он говест, ки дар кӯҳистонҳои марказии Осиё (дар навоҳии Тибет ва Ҳимолой (ва Бадахшон) дар баландиҳои ду ҳазор метр) ва ба гуфтаи Бурҳони Қотеъ, дар кӯҳҳои мобайни Хуто ва Ҳиндустон вуҷуд дорад. Аҳолии Тибет (ва Бадахшон) онро аҳлӣ (ром ва хонагӣ) мекунанд ва барои боркашӣ, маҳсулоти шир, пашм ва гӯшт аз он истифода мебаранд (Бурҳони қотеъ. – Ҷ. 3, зайли вожаи кажгов, ғажгов ва ғ.; Фарҳанги форсии Муъин. – Ҷ. 2, зайли вожаи ғажгов). Онро мардуми Бадахшон (помириён) ва қисматҳое аз Афғонистон хажгов (бо лаҳҷа, хашгов) меғӯянд, ки тағйирхӯрдаи ғашгов ва кажгов аст (Алӣ Равоқӣ. Забони форсии Афғонистон (дарӣ). – Ҷ. 2, зайли вожаи «ғажгов». – Теҳрон: Нашри осор, 1392 ш.).

Аммо дар бораи ҷавози қурбонии ҳайвоноти ҳалолгӯшти ваҳшие, ки ба оилаи яке аз ҳайвоноти баҳимаи анъом тааллуқ доранд, ба монанди оҳу, гавазн ва ғ.-и онҳо, вақте ром ва ба сурати ҳайвоноти хонагӣ парвариш карда шаванд, дар матнҳои фиқҳӣ чизе наёфтам. Албатта, дар ин бора аз фақеҳ ва донишманди шинохтаи ҷумҳурӣ Домулло Насруллоҳи Куктошӣ (рҳ) пурсида будам, ки баъзе мусулмонон аз шимоли Қафқоз дар Россия аз гавазнпарварон моле харидорӣ ва рӯзи иди Қурбон бо номи қурбонӣ забҳ мекунанд, оё қурбонии гавазн бо ин васфҳо шаръан саҳеҳ ва бо забҳи он қурбонӣ аз зиммаи онҳо соқит мегардад!? Марҳум фармуданд: Агар ром ва ба сурати ҳайвоноти хонагӣ парвариш карда шаванд ва нисбати онҳо ба яке аз оилаҳои баҳимаи анъоми мансусун алайҳ (бо насси шаръӣ собитшуда) илман собит шуда бошад, ҷоиз мегардад.

[3] Аз назари ислом қурбонӣ бар шахси сарватманд воҷиб аст, на ба фақир. Бинобар ин, шахси сарватманд вақте гӯсфанди дуюмро барои қурбонӣ ба ҷои гӯсфанди аввал омода менамояд, ҳамон як қурбонӣ бар вай воҷиб мебошад ва ислом аз ин бештарро маҷбуран аз вай нахостааст. Аммо агар бо майли худ бештар аз он таклиф ва вазифаи диниаш ҳайвони дигаре низ забҳ намояд, ин отифаи болои ҷавонмардӣ ва ҳисси неки динии ӯро

4. Шахс метавонад гӯшти қурбониро ҳам худаш бихӯрад ва ҳам ба хешону ҳамсояғонаш миқдоре аз онро бидиҳад.[1]

5. Пӯсти қурбонӣ ё қимати онро хайр намояд ва ё онро худаш истифода намояд. Аз пули гӯшт ё пули қурбонӣ таъмир намудани масҷид ва ё дигар маконҳои хайрия ҷоиз нест.

6. Шахси қурбоникунанда метавонад пӯсти қурбониро ба масрафи худ бирасонад, ба монанди ин ки аз он машк ё фарш бисозад.

7. Музди забҳкунандаро аз пӯсту гӯшти қурбонӣ надиҳад.

8. Чизҳое, ки ба ҳайвони забҳшуда тааллуқ доранд, аз қабили ресмон, нӯхта ва ғайра, бояд ҳамаро хайр намояд.

9. Шахсе, ки қурбонӣ бар вай воҷиб нагаштааст, агар ба нияти қурбонӣ гӯсфанде харида бошад, пас аз харидорӣ қурбонӣ кардан бар вай воҷиб мегардад.

10. Касе, ки қурбонӣ бар вай воҷиб гашта, агар дар рӯзҳои муайян – айёми наҳр қурбонӣ накунад, қурбонӣ аз вай соқит намегардад, пас аз он агар чорвое харида бошад, онро бояд зинда садақа намояд ва агар ҳанӯз нахарида бошад, бояд ё қимати онро ва ё гӯсфанде харида хайр намояд.

Сарватманде забҳи чорвоеро ба унвони қурбонӣ бар худ воҷиб гардонад, бар вай забҳи ду чорво воҷиб аст, яке барои қурбоние, ки шаръан бар вай воҷиб буда ва дигаре барои назраш, ҳамин тавр фақире барои қурбонӣ чорвое харидорӣ намояд, забҳи он ба унвони назр бар вай воҷиб мегардад, агар ин шахс то охирин фурсати пешбинишуда барои қурбонӣ сарватманд гардад, бар вай низ забҳи ду чорво: яке барои назраш ва яке барои қурбонии аз сӯи шаръ пешбинишуда, воҷиб мегардад. Агар онҳо – шахси сарватманд ва фақири сарватмандгаштаро айёми наҳр бо сабабе фавт гардад ва пас аз гузаштани рӯзҳои қурбонӣ онро забҳ кунанд, пас бояд тамоми гӯшти чорвоеро, ки ба сабаби назр бар онҳо воҷиб гаштааст, садақа намоянд ва чизе аз онро нахӯранд. Дар ин ҳолат агар ба сабаби забҳ нуқсоне дар арзиши қурбонӣ ворид шавад ва ё порае аз гӯшти онро хӯрда бошанд, бояд ҷуброни онро бипардозанд. Аммо аз гӯшти он қурбоние, ки бо вуҷуби шаръ бар онҳо воҷиб гашта (ғайриназрӣ), худашон низ метавонанд бихӯранд.

Садақа кардани чорвои қурбонӣ ба таври зинда танҳо пас аз фавти айёми наҳр – рӯзҳои қурбонӣ ҷоиз аст. Бинобар ин, агар онҳо – шахси сарватманд ва фақири сарватмандгашта дар айёми наҳр чорвои барои забҳ пешбиникардаашонро садақа намоянд, бар онҳо забҳи чорвои дигаре ба ҷои он воҷиб мегардад, зеро дар он рӯзҳо бар онҳо хун – забҳ воҷиб аст, на садақа кардани он. Ҳамчунин дар айёми наҳр додани қимати пули як қурбонӣ ба фақирон ба ҷои худи қурбонӣ ҷоиз нест.

11. Шахсе назр намояд, ки агар фалон корам амалӣ шавад, барои Худо гӯсфанде хайр хоҳам кард, пас аз амалӣ гардидани маромаш, назр бар зиммааш воҷиб мегардад. Бояд ба он вафо намояд ва гӯшти ҳайвони назршударо ба фақирону бечорагон бидиҳад. Барои худи шахси назркунанда хӯрдан аз гӯшти қурбонии назриаш ҳалол ва ҷоиз нест.

Забҳи ҳайвони назргашта, агар онро ба рӯзи ид марбут ва махсус нагардонида бошад, яъне рӯзашро муайян насохта бошад, пас аз амалӣ гардидани маромаш дар ҳар рӯзе сурат гирад, ҷоиз мебошад.

12. Шахсе бо майлу рағбати худ ҷиҳати ризои Худо барои расидани савобе ба гузаштагонаш,

---

нишон медиҳад ва ҷоиз аст. Магар ин ки ғайр аз қурбонӣ – воҷиби шаръӣ забҳи ҳайвони дигареро низ бар худ назр ва воҷиб гардонида бошад, пас забҳи ҳар ду низ бар вай воҷиб мегардад. Вале бар шахси фақир ва камбизоат қурбонӣ воҷиб нест, балки амри мустаҳаб ва нафл аст ва нафл бо шурӯъ воҷиб мегардад. Вақте вай ҳар ду гӯсфандро барои қурбонӣ харидорӣ намудааст, куштани ҳар ду гӯсфанд бар вай воҷиб мегардад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 9. – С. 539.; Табйину-л-ҳақоиқ. – Ҷ. 6. – С. 482, 483).

[1] Ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) фармуд:* ***Касе аз шумо қурбонӣ карда бошад, пас аз се рӯз чизе аз он дар хонааш боқӣ намонад (яъне ҳамаашро ба мардум тақсим намояд)»*** *ва чун соли оянда шуд, гуфтанд: Эй расули Худо (с), оё (қурбониҳои худро) мисли соли гузашта кунем? Гуфт:* ***(Худатон) бихӯред, (ба дигарон) таом диҳед ва аз он захира ҳам намоед. Соли гузашта мардум дар сахтӣ буданд ва хостам ба онҳо кӯмак намоед»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 5569; Саҳеҳи Муслим, 5082 (1971)-28).

Дар ривояти дигар омадааст: ***«Ман шуморо аз боқӣ мондани гӯшти қурбониҳоятон бештар аз се рӯз наҳӣ карда будам, то аз ҷониби дорандагон барои мардуми нодор фарохие ба вуҷуд ояд. Ҳоло бошад, чанде мехоҳед бихӯред, ба дигарон таом диҳед ва аз он барои худ захира ҳам намоед»*** (Сунани Тирмизӣ, 1510).

гӯсфандеро қурбонӣ кунад, аз гӯшти он бойу камбағал метавонанд бихӯранд, вале агар бино ба васияти худи даргузашта ин корро карда бошад, бояд танҳо фақирону бечорагон аз гӯшти он бихӯранд.

13. Бе иҷозат аз тарафи касе қурбонӣ кардан ҷоиз нест ва ҳамчунин ширкати шахси ғоиб дар қурбонии муштарак бе иҷозати худи ӯ саҳеҳ намебошад.

14. Ҳайвонотеро барои насловарӣ ва фарбеҳсозӣ ба дасти касе ба сурати муносафа (нисф дар нисф) ва ғ. супорад, чунин қарордод ҷоиз нест ва он шахс коргари бомузд (даҳмарда) ба шумор меравад. Бинобар ин, харидани ҳайвоне аз вай барои қурбонӣ бе иҷозати соҳибаш ҷоиз нест.

15. Чанд нафаре дар гов ё шутур бо ҳам шарик гарданд, метавонанд тамоми гӯшти онро хом ё пухта хайр намоянд. Дар вақти ҷудо намудани ҳиссаи ҳар як шарик ҳатман он бояд ба тарозу тақсим шавад ва тақсими он ба таври тахминӣ ҷоиз нест, магар вақте, ки сару поча ва пӯсташ ба он ҳамроҳ карда шавад ва ба ҳамаи шарикон аз онҳо қисмат-қисмат ва пора-пора дода шавад. Зеро агар ба касе аз шарикон миқдоре зиёдтар дода шавад, он аз назари шаръ рибо ба шумор меравад ва бо биҳил кардан ва гузаштан аз баҳри он ҳалол намегардад.

16. Гӯшти қурбониро метавон ба кофирон ҳам тақсим намуд.

17. Қурбонӣ кардани ҳайвони бордор ҷоиз аст, вале ҳайвони бе ҳамл беҳтар аст. Пас агар барра ё бузғола ва ғ. пас аз забҳи модар зинда монад, онро низ бояд қурбонӣ намояд. Ҳайвони қурбонӣ агар пас аз харидорӣ ё муайян шудан ва пеш аз забҳ бизояд, барраи навзод бояд зинда садақа шавад ва агар забҳ шуда бошад, гӯшташ пурра садақа шавад.

ШАРТҲОИ СИҲҲАТИ ҚУРБОНӢ

Ҳайвоне, ки барои қурбонӣ пешбинӣ мешавад, дар он бояд ду шарт ё васфи зерин мавҷуд бошад, дар ғайри он қурбонӣ дуруст намегардад:

1. Синнаш барои қурбонӣ расида бошад. Синни қурбонӣ дар ин чаҳорпоён он аст, ки гӯсфанд як, гов ду ва шутур панҷ солро пур карда бошанд.[1] Танҳо қурбонии гӯсфанде, ки шаш моҳро пур карда ва аз ҷиҳати ҷисм аз гӯсфанди яксола чандон фарқе надошта бошад, низ ҷоиз аст.

2. Солим буда, ҳеҷ айбу бемории монеи дуруст гардидани қурбониро надошта бошад – ҳеҷ як аз аъзои он, ба монанди даст ва ё пояш нашикаста ва дум ё гӯшаш пурра бурида нашуда бошад ва ҳамчунин ҳайвони кӯр, лоғар (хароб) ва ё ланг, ки натавонад то қурбонгоҳ биравад, қурбонияш ҷоиз нест.[2] Аз Алӣ (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Чашм ва гӯши моли қурбониро бо диққат нигоҳ кунед ва чорвои кӯр, гӯшбурида, ки нӯг ва ё бари гӯшаш бурида шудааст ва чорвои гӯшчок ва гӯшсӯрохро қурбонӣ накунед»***.[3]

– Қурбонӣ кардани ҳайвони бешох ва ё шохшикастае, ки бехи шохаш боқӣ аст, ҳайвони гирифтори навъе девонагӣ, ки дар ҷояш гирд мегардад ва ҳамроҳи гӯсфандон ба чаро намеравад ва ҳамин тавр ҳайвони ахта ҷоиз аст. Ин айбҳо аз ҷумлаи мавонеи сиҳҳати қурбонӣ

магар (чаҳорпои) мусинна – солрасидаро, магар ин ки (ёфтани) он бар шумо душвор бошад, пас ҷазъа (ҷазаъа)-е аз гӯсфандро забҳ намоед!» (Саҳеҳи Муслим, 5055 (1963)-13. Бобу: Синну-л-узҳия). Нававӣ дар «ал-Маҷмуъ» оварда, ки назди аҳли луғат – забоншиносон мусинна аз тамоми чаҳорпоён санийяро гӯянд. Санийя чаҳорпоест, ки дандонҳои пеш – саноё (ثَنَايَا، ج. ثَنِيَّة) -и худро партофтааст ва он дар синну соли муайяне барои чаҳорпоён сурат мегирад. Ҷазъа (جَذَعَة، ج. جُذْعَان) ба маънои чавон ва наврас аст ва танҳо ба гӯсфанд дар синну соли муайяне гуфта мешавад. Пас кадом навъе аз чаҳорпоён, ки қурбонӣ карда шавад, бояд аз ҷиҳати синну сол санийя бошад, магар дар сурати мавҷуд набудани чаҳорпое дар ин синну сол, ки дар ин ҳолат метавонад гӯсфанди ҷазъа қурбонӣ намояд.

Тамоми фуқаҳои мазоҳиби аҳли суннат бар ин шарт – расидани синну соли қурбонӣ ба санийя иттифоқи назар доранд, вале дар таъйини дақиқи соли санийя ва ҷазъа ақволи мухталифе гуфтаанд, ки дар баъзе вуҷуҳ ба ҳам наздиканд. Назди машоихи ҳанафӣ санийя дар бузу гӯсфанд ба чаҳорпое итлоқ мешавад, ки яксола, дар гов ду сола ва дар шутур панҷ сола шуда бошад ва ҷазъа ба гӯсфанде итлоқ мегардад, ки шашмоҳагиро пур карда ва ё каме аз он гузашта бошад, вале дар ҳар ду сурат ҷуссааш ба қадре калон ва фарбеҳ бошад, ки ба гӯсфанди яксола монанд бошад.

[2] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Қурбонӣ бо чаҳор навъи мол дуруст намешавад: ланги ошкор, кӯри ошкор, касали ошкор ва лоғаре, ки мағз надорад»*** (Сунани Абудовуд, 2802; Сунани Тирмизӣ, 1497; Сунани Насоӣ, 4381, 4382, 4383; Сунани Ибни Моҷа, 3144).

[3] Сунани Абудовуд, 2804; Сунани Тирмизӣ, 1498; Сунани Насоӣ, 4384, 4385; Сунани Ибни Моҷа, 3142, 3143.

[1] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Забҳ накунед,***

ба шумор намераванд.


– Забҳи ҳайвони маҷбуб (олатбурида), босулфа (сурфа), пирсоле, ки аз зоиш мондааст, гӯшчок, гӯшшикоф, олусчашм ва тарошида барои қурбонӣ бо кароҳият ҷоиз аст. Инҳо аз ҷумлаи айбҳое ҳастанд, ки саломати ҳайвони қурбонӣ аз онҳо мандуб (хуб ва афзал) аст.

– Қурбонӣ кардани ҳайвони ахлотхор (ҷаллола) пеш аз ҳабси он ба муддати муайяне ҷоиз нест. Ин вақтест, ки аксари ғизо ва хӯрокаш аз ахлот ва наҷосатҳо иборат бошад. Дар ин сурат шутур ба муддати чиҳил рӯз, гов ба муддати бист рӯз ва гӯсфанд ба муддати даҳ рӯз дар ҷое бояд нигаҳдорӣ ва бо ғизои ҳалол парвариш шаванд, то гӯшташон пок гардад, он гоҳ забҳи онҳо дуруст аст.

– Ҳайвони харидоришуда барои қурбонӣ агар пеш аз забҳ бо яке аз айбҳои монеи дуруст гардидани он маъюб гардад, шахси сарватманд бояд ба ҷои он ҳайвони дигаре солим аз айбҳо забҳ намояд ва барои шахси фақир забҳи он ҷоиз аст ва ҳамин тавр агар пеш аз забҳ халок гардад, қурбонӣ аз шахси фақир соқит мегардад ва шахси сарватманд бояд ба ҷои он қурбонии дигаре забҳ намояд. Аммо агар дар вақти забҳ ва бастани дасту пояш маъюб гардад, барои сиҳҳати қурбонӣ зарараре надорад.

Бо ҳалок ва ё гум шудани чорвои пешбинишуда барои қурбонӣ он аз зиммаи шахси сарватманд соқит намешавад, вале бо талаф ёфтани тамоми молу дороияш ва ё қисмате аз он, ки дороияш бо он аз марзи ғинои воҷибгардонандаи садақаи Фитр поинтар гардад, қурбонӣ аз вай соқит мегардад.

Барои огоҳии бештар аз масоил ва аҳкоми рӯза ва ҳамин тавр мутолиаи муфассали фалсафаи он, лутфан, ба китоби «Рӯзаи моҳи Рамазон » аз худи муаллиф муроҷиат намоед!




Бахши панҷум

КИТОБИ ҲАҶ

وَأَذِّن فِي ٱلنَّاسِ بِٱلْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالاً وَعَلَىٰ
ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ ﴿٢٧﴾
لِّيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ وَيَذْكُرُوا ٱسْمَ ٱللَّهِ فِي أَيَّامٍ
مَّعْلُومَٰتٍ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلْأَنْعَٰمِ

«Ва дар миёни мардум эълони ҳаҷ кун, онҳо пиёда ва савораи ҳар маркаби лоғаре аз дараҳо (ва сарзаминҳо)-и амиқ ба назди ту меоянд, то (дар он ҷо) шоҳиди манофеи худ гарданд ва номи Худоро бинобар ризқе, ки аз чаҳорпоён ба онҳо додааст, дар рӯзҳои маълуме ёд намоянд…»
(Сураи Ҳаҷ, 22:27, 28).

КАЪБАИ МУШАРРАФА ҚИБЛАИ МУСУЛМОНОНИ ҶАҲОН



1. Ҳаҷаруласвад
2. Дари хонаи Каъба
3. Новадони хонаи Каъба
4. Шозарвон (қисмати берунии пойдевор)
5. Ҳиҷри Исмоил (а) (Ҳатим)
6. Мултазам
7. Мақоми Иброҳим (а)
8. Рукн (бурҷ)-и Ҳаҷаруласвад
9. Рукн (бурҷ)-и Ямонӣ
10. Рукн (бурҷ)-и Шомӣ
11. Рукн (бурҷ)-и Ироқӣ
12. Чодари Каъба
13. Хатти қаҳвагине, ки тавоф аз болои он оғоз мегардад (чанд солест, ки он хат аз саҳни масҷид гирифта шуда, дар равоқи девори масҷид чароғи сабзе ба нишонаи хатти оғози тавоф насб шудааст)
14. Ҷои ҷоҳи Замзам



Фасли аввал

ҲАҶ

Дар осмон зи ғулғули лаббайки ҳоҷиён,
То Арш наъраҳову ғирев аст аз садо!
Акнун, ки ҳафт бор тавофат қабул шуд,
Андар Мақом ду ракъат кун қудумро!
Кӯҳи Сафо баро, ба сари кӯҳ рух ба Байт,
Такбир кун, бародару таҳлилу ҳам дуо!
Во-н гаҳ баро ба Марваву монанди ин бикун,
То ҳафт бору боз ба Хона тавофҳо!
То рӯзи Тарвия бишнав хутбаи балеғ,
Во-н гаҳ ба ҷониби Арафот ой дар сало!
Во-н гаҳ ба Мавқиф ойу ба қурби Ҷабал биист,
Пас бомдод бори дигар биист ҳам ба ҷо![1]
Во-н гоҳ рӯй сӯи Мино ору баъд аз он,
То ҳафт бор мезану мегир сангҳо!
Аз мо салом бодо бар Рукну бар Ҳатим,
Эй шавқи мо ба Замазму он манзили вафо!
(Мавлоно. Девони Шамс)

Ҳаҷ дар луғат ба маънои қасди амри бузург ва оҳанги коре азим аст ва дар истилоҳи шаръ аз қасд ба сӯи Байтуллоҳи ҳаром (хонаи Худо) бо аъмоли махсус ва дар замони махсус иборат бошад. Дар фиқҳ ибодатест аз маҷмӯае аъмол, аҳком ва маносик, ки дар Макка ва машоири атрофи он ба ҷой оварда мешаванд, анҷом додани он дар сурати фароҳам омадани иститоати молӣ, сиҳҳати бадан ва амнияти роҳ воҷиб аст ва ҳар шахси болиғ ва оқил дар умр як бор ба анҷоми он мукаллаф аст. Ҳаҷ дар шариати ислом аз муҳимтарин фароиз ва яке аз аркони панҷгонаи он аст, ки мункири он аз дин хориҷ гардад ва чун шароити адои он фароҳам шаванд, таъхири он бе узр гуноҳи азим бошад.

ШАРОИТИ ВОҶИБ ШУДАНИ ҲАҶ

Ҳаҷ дар тамоми умр як маротиба бар ҳар шахси мусулмоне, ки дорои шароити зерин бошад, фарз аст:

а) болиғ, б) оқил ва в) озод бошад;

Пас ҳаҷ бар кӯдак, шахси девона, ғулом ҳанӯз фарз нагардидааст.

ШАРТҲОИ ВОҶИБ ГАРДИДАНИ АНҶОМИ ҲАҶ

عن إبن عمر قال: جاء رجل إلي النبي (ص) فقال يا رسول الله: ما يوجب الحج؟ قال: الزاد والراحلة.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки шахсе назди паёмбари акрам (с) омад ва пурсид: Чӣ чизе ҳаҷро воҷиб мегардонад? Он ҳазрат (с) фармуд: ***«Доштани заминаҳои сафар (тӯша) ва василаи саворӣ»***.[2]

Дар Қуръони маҷид шарти фарзияти баргузории ҳаҷ مَن استطاع إليه سبيلاً доштани тавоноии роҳ зикр шудааст, ба ин маъно, ки анҷоми маросими ҳаҷ бар касоне фарз аст, ки тавоноии сафар то Маккаи мукаррамаро дошта бошанд. Ин оят шарти ҳаҷро ба таври муҷмал баён карда ва ғолибан саволкунанда тавзеҳи онро мехост ва пурсид, ки меъёри ин иститоат чист? Он ҳазрат (с) фармуданд: Яке ин ки маркаб ва саворие, ки ӯро то Маккаи мукаррама бирасонад, барояш муяс-

[1] Мурод аз бори дигар ба ҷо истодан дар бомдод вуқуфи Муздалифа аст, ки он пас аз намози бомдод то пеш аз тулӯи офтоб воҷиб аст.

[2] Сунани Тирмизӣ, 813, 2998. Сунани Ибни Моҷа, 2896.

сар бошад ва дигар он ки ба қадре сармоя дошта бошад, ки дар даврони сафар ӯро кифоят намояд.

Фақеҳони киром ва коршиносони фиқҳи исломӣ нафақа ва хароҷоти касонеро, ки таҳти кафолати ӯ ҳастанд, низ дар зимни ин иститоати молӣ қарор додаанд.

Вақте фарзияти ҳаҷ бар банда собит шуд, шартҳои зерин низ бояд таҳаққуқ ёбанд, то ҳаҷро ба ҷо оварда тавонад:

а) саломатии ҷисмонӣ,

б) вуҷуд надоштани ҳеҷ монее аз анҷоми ҳаҷ,

в) амнияти роҳ,

г) доштани тавоноӣ ва иститоати молӣ,

ғ) вуҷуд доштани маҳрам барои зан,

д) дар идда набудани зан.

Пас анҷом додани ҳаҷ аз бемори замингир (музмин)-е, ки аз роҳ рафтан боз мондааст, аз шахси фалаҷгашта, нобино ва аз пири фонӣ (аз мадор рафта) соқит мешавад. Ҳамчунин, адои ҳаҷ аз шахси маҳбус, аз шахсе, ки сари роҳашро душмане гирифтааст ва ё амнияти роҳ бо сабабе аз байн рафтааст, аз шахсе, ки иститоати молӣ надорад ва аз зане, ки маҳрам надорад[1] ва ё дар муддати идда ба сар мебарад, соқит мебошад. Яъне ба ҷо овардани ҳаҷ барои онҳо дар тамоми ҳолатҳои боло воҷиб нест. Онҳо дар ҳукми маъзур, муҳсар (боздошташуда) ва беиститоат дохил мешаванд.

Вале ҳайз ва нифос монеи шаръӣ ба шумор намераванд. Зан дар ҳолати ҳайз ё нифос метавонад барои анҷом додани ҳаҷ ё умра эҳром бандад ва тамоми аъмол ва маносики онро, ба ҷуз дохил шудан ба масҷид ва анҷом додани тавофи фарзӣ, ба ҷой оварад. Вай дар маросими ҳаҷ вуқуфи дар Арафа, вуқуфи дар Муздалифа, рамйи ҷимор, забҳ ва дигар маносики ҳаҷро ба мисли дигар ҳоҷиён анҷом медиҳад, вале даромадан ба Масҷидулҳаром[2] ва анҷоми тавофи фарзиро то поёни давраи ҳайз ва нифоси худ ба таъхир меандозад.

Ҷобир (рз) мегӯяд: ***«Вақте дар Муздалифа будем, зани Абубакр, Асмо духтари Умайс Муҳаммад ибни Абубакрро таваллуд кард. Вай ба назди Расули Худо (с) одам фиристод, ки чӣ кор кунад. (Он ҳазрат с) фармуд: Ғусл намояд ва миёни ронҳои худро бо порчае сахт бибандад ва (ҳамроҳи мардум) эҳром бандад»***.[3]

ФАРЗҲОИ ҲАҶ

1. Эҳром.
2. Истодан дар Арафот.
3. Тавофи зиёрат.

ВОҶИБОТИ ҲАҶ

Воҷиботи ҳаҷ аз инҳо иборатанд:

1. Вуқуф дар Муздалифа баъд аз дамидани субҳи содиқи рӯзи наҳр (ид).

2. Саъйи байни Сафо ва Марва.

3. Партофтани ҷимор (санг задан бар шайтонҳо).

4. Тавофи видоъ (ё тавофи садр) барои касоне, ки аз берун меоянд.

5. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар.

---

[1] Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Зан ҳаҷ намекунад, магар вақте ҳамроҳаш маҳраме бошад. Марде гуфт: Эй паёмбари Худо (с), ман дар газое номнавис шудаам ва ҳамсарам ба ҳаҷ баромадааст. Фармуд: Баргард ва ҳамроҳи вай ҳаҷ кун»*** (Эълоуссунан онро аз Муснади Баззор ва Сунани Дорақутнӣ ривоят кардааст. – Ҷ. 5. – С. 12). Ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим бо лафзи: ***«Зан сафар намекунад, магар ҳамроҳи маҳрам…»***, ривоят шудааст (Саҳеҳи Бухорӣ, 1862, 3006, 3061, 5233. Саҳеҳи Муслим, 3259 (1341)-424).

Занҳо наметавонанд бидуни шавҳар ва ё маҳрами хеш, агар фосила миёни эшон ва Макка ба андозаи масофаи қаср ва ё бештар аз он бошад, ҳаҷро ба ҷо оваранд. Доштани маҳрам яке аз шартҳои дуруст гардидани ҳаҷи занҳо мебошад. Вале аз назари баъзе мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат ҳаҷҷи занҳо бемаҳрам, вақте онҳо ба таври ҷамоат ва гурӯҳӣ сафари ҳаҷ намоянд, ҷоиз аст.

[2] **Масҷидулҳаром** ар. مسجد الحرام, арса ва фазои бози атрофи хонаи Каъба, ки дар замони расули Худо (с) гирди он деворе надошт. Халифаи дуюм Умар (рз) соли 17 ҳ. (638 м.) масоҳати онро афзуд ва ба гирдаш деворе пасттар аз қомати инсон бардошт. Он дар тӯли таърихи ислом борҳо бозсозӣ ва тавсиа дода шуд, ки яке аз бузургтарини онҳо тавсиаи султон Салими Дуюм дар соли 979-980 ҳ./1571-1572 м. ба шумор меравад. Кишвари Саъудӣ дар се навбат зимни барномаи пурҳаҷме онро тавсиа дода, бинои чандошёна бо сангҳои мармар ва шабистонҳои васеъе дар атрофи он сохтааст ва ҳанӯз қисмати муҳимме аз айвонҳо ва шабистонҳои сохтаи салотини усмонӣ дар маҳватаи дохили он ҳифз шудаанд.

Номи Масҷидулҳаром борҳо дар Қурони карим, аз ҷумла дар оятҳои 144, 149, 150, 191, 196 ва 217 сураи Бақара, ояти 2 сураи Моида, оятҳои 7, 19 ва 28 сураи Тавба, ояти 1 сураи Исро ва ғ. зикр шудааст.

[3] Саҳеҳи Муслим, 2941 (1218)-147. Сунани Абудовуд, 1905.

6. Давом додан ва истодан дар Арафот то нишастани офтоб.

7. Куштани қурбонӣ барои қорин ва мутаматтеъ.

8. Тартиб: барои муфрид дар миёни рамӣ (сангзанӣ) ва ҳалқ (сартарошӣ) ва барои қорину мутаматтеъ дар миёни рамӣ, забҳ (куштани чорво) ва ҳалқ.

9. Адои тавофи зиёрат дар айёми наҳр (се рӯзи ид).

10. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар дар Ҳарам.

11. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардан дар айёми наҳр (ид).

СУННАТҲОИ ҲАҶ

Суннатҳои ҳаҷ иборатанд аз:

1. Тавофи қудум барои муфриде, ки аз берун меояд ва барои қорин.

2. Рамал (шитоб ва суръат дар се даври аввали тавофи Каъба) ва изтибоъ (либоси эҳромро ба китфи чап партофта, шонаи ростро бараҳна гузоштан) дар тавофе, ки баъд аз он иродаи саъй миёни Сафо ва Марва дошта бошад.

3. Рафтан ба сӯи водии Мино дар рӯзи ҳаштум, ки онро рӯзи тарвия гӯянд ва сипарӣ намудани шаби оянда дар Мино.

4. Берун шудан аз Мино ва ҳаракат ба сӯи Арафот баъд аз баромадани офтоб дар рӯзи Арафа.

5. Сипарӣ намудани шаби ид дар водии Муздалифа.

6. Ғусл намудан дар водии Арафот.

7. Сипарӣ кардани шабҳои айёми наҳр (ид) дар Мино.

МИҚОТГОҲ

Миқот (эҳромгоҳ), маҳал ва ҷои махсусест, ки расули акрам (с) онро барои эҳром бастани ҳоҷиён дар фосилаҳои дуртар аз шаҳри Макка муайян намудааст. Ин миқотҳо панҷ тарафи шаҳри Маккаро, ки дар он рӯзгор роҳҳои рафту омади мардумони хориҷ аз онҳо мегузаштанд, ба сурати нимаҳалқае фаро гирифтаанд ва аз панҷ мавзеи зерин иборатанд:

1. ***Зулҳулайфа*** миқоти мардуми Мадина ва мардуме, ки аз роҳи Мадина меоянд, мебошад.

2. ***Зотуирқ*** миқоти мардуми Ироқ аст.

3. ***Ҷуҳфа*** миқоти мардуми Шом аст.

4. ***Қарнулманозил*** миқоти мардуми Наҷд аст.

5. ***Ялямлам*** миқоти мардуми Яман аст.

Ин эҳромгоҳҳо барои он касоне, ки аз манотиқи мазкур (Мадина, Ироқ, Шом, Наҷд ва Яман) ҳастанд ва низ барои онҳое, ки аз он ҷойҳо мегузаранд, таъйин шудаанд. Аммо касоне, ки дар ҳудуди миқотгоҳҳо сукунат доранд, бояд аз ҳамон ҷо эҳром банданд ва миқоти онҳое, ки дар марзҳои миёни миқот ва Ҳарам зиндагӣ мекунанд, минтақаи Ҳил[1] аст. Миқоти касоне, ки дар ҳудуди Ҳарам маскан гирифтаанд, дар айёми ҳаҷ худи Ҳарам[2] ва дар

[1] **Ҳил [الحِلُّ],** минтақа ва ҳалқаи маконие, ки дар дохили миқотгоҳҳо то марзҳои Ҳарам воқеъ гардидааст. Ҳил минтақаи васеест, ки аз миқотгоҳҳо шурӯъ ва то марзҳои ҳарами маккиро дар бар мегирад.

[2] **Ҳарам [الحَرَم],** ҳалқаи сеюми марзие, ки атрофи шаҳри Маккаро ҳудудан то фосилаҳои понздаҳ-бист километрии он ва дохили шаҳрро то худи хонаи Каъба дар бар мегирад. Ин Ҳарам ба ду қисмат ҷудо мешавад, яке Ҳарам ва саҳни масҷид мебошад, ки ба он Масҷидулҳаром гуфта мешавад ва ҳамаи масҷиди атрофи хонаи Каъбаро дар бар мегирад, дуюм, қисмати берун аз масҷид то марзҳо ва нишонаҳои махсусе, ки дар хориҷи шаҳри Макка муайян гардидаанд ва он минтақаи ҳарами маккӣ ба шумор меравад.

Ба ду қисмат ё ба ду марз ҷудо шудани Ҳарам ба хотири он аст, ки баъзе рукнҳо ва барномаҳои ҳаҷ, ба монанди тавоф ва саъй, дар дохили Масҷидулҳаром анҷом дода мешаванд ва дар берун аз он дуруст намегарданд ва бахши дигаре аз барномаҳо ва маносики ҳаҷ, ба монанди забҳ ва ҳалқ, дар ҳар ҷое аз минтақаи Ҳарам ба ҷо оварда шаванд, ҷоиз мебошад. Ҳудуд ва марзҳои Ҳарам дар хориҷи шаҳри Макка аз тамоми тарафҳо нишонагузорӣ (демаркатсия) шудаанд. Дар ду тарафи роҳ сангҳое ба баландии як метр гузошта шуда ва дар нишонаҳои (стрелкаҳои) махсус ба забони арабӣ «ҳудуди Ҳарам» навишта шудааст.

Марзи Ҳарам аз тарафи шимол то Танъим мерасад. Аз хонаи Худо то Танъим шаш километру як саду чилу ҳашт (6,148) метр аст. Марзи ҷанубии Ҳарам то Азоату Либн мебошад, ки аз хонаи Худо то он ҷо дувоздаҳ километру даҳ метр (12,10 км) аст. Аз тарафи шарқ бошад, марзи Ҳарам дар Ҷиърона тамом мешавад. Аз хонаи Худо то он ҷо шонздаҳ (16) км аст. Аз тарафи шимол-шарқӣ дар Водии Нахла тамом мешавад ва аз хонаи Худо то он ҷо сездаҳ километру сесаду панҷову се (13,353) метр мебошад. Аз ғарб Ҳудайбия охирин ҳудуди Ҳарамро ташкил медиҳад ва то он ҷо аз хонаи Ҳудо понздаҳ (15) км мебошад. Вале марзи Ҳарам то Арафот бештар аз ҳаждаҳ километрро (18,333) ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, худи ин маконҳо (Арафот, Водии Нахла,

Танъим, Ҳудайбия, Ҷиърона ва Азоату Либн) аз ҳудуди Ҳарам хориҷ ва дар минтақаи Ҳил (л) медароянд. Мино ва Муздалифа дар ҳудуди Ҳарам дохиланд, вале Арафот аз он берун мебошад. Шахсе бихоҳад умра анҷом диҳад, ба яке аз ин ҷойҳо рафта, эҳром мебандад ва дубора ба Ҳарам бармегардад. Танъим аз ҳама наздиктар аст ва дар он ҷо масҷиде бо номи Масҷиди Умра вуҷуд дорад. Оиша (рз) аз ҳамон ҷо эҳроми умра баста буд.

1. Ҳарами Каъба – он ҷое, ки имрӯз бинои Масҷидулҳаром дар он воқеъ шудааст, дар замони Расули Худо (с) саҳни кушода ва фазои бозе буда, ки ба хонаҳои сокинони атроф мунтаҳӣ мегашт ва гирдогирди онро ҳеҷ гуна девор ва ё ҳиёте аз берун чудо намекард. Бо густариши сареи ислом ва ҳамроҳ шудани миллатҳои тоза ба уммати ислом шумораи ҳаҷгузорон низ сол ба сол афзоиш меёфт. Соли 17-уми пас аз ҳичрат (638 м.) халифаи дуюм – Умар (рз) бо назардошти ин раванди таърихӣ ва афзоиши ҳаҷми гунҷоиши Ҳарам тарҳи аввалин тавсиа дар таърихи ҳарими Каъбаро ба мавриди иҷро гузошт.

Он сол бар асари боришоти сахт сели бузурге бо номи Умминашҳал ҳарами Маккаро фаро гирифт ва Мақоми Иброҳим (а)-ро ба поёни шаҳри Макка бурда партофт. Умар (рз) Мақомро ба ҷои аввалааш баргардонд ва ҳавлиҳои атрофи ҳарамро харидорӣ ва пас аз вайрон намудани иморатҳо онҳоро ба саҳни Масҷид ҳамроҳ кард. Ба гирди он девори пасте бардошт, дарҳое дар он насб кард ва дар болояш барои рӯшноии шабонаи саҳни Ҳарам чароғҳо гузошт.

Вай ҳамчунин дар пеши селроҳа садди бузурге бино кард ва маҷрои онро ба сӯи водии Иброҳим тағйир дод.

2. Дар замони халифаи сеюм саҳни Масҷид аз гунҷоиши намозгузорон ва тавофкунандагон, ба хусус дар мавсими ҳаҷ, танг омад ва Усмон (рз) соли 27 ҳ./647 м. ба тавсиаи муҷаддади он пардохт. Вай ҳавлиҳои атрофро харидорӣ ва пас аз вайрон кардани биноҳо онҳоро ба саҳни Масҷид ҳамроҳ намуд ва Масҷидро аз нав бо равоқҳои сақфдор бино кард.

3. Соли 66 ҳ./686 м. аз сӯи халифа Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) тавсиаи сеюми Масҷид сурат гирифт. Вай соли 64 ҳ./684 м. бинои хонаи Каъбаро низ аз нав сохта буд, ки дар таърих ба бинои Ибни Зубайр (рз) маъруф аст.

4. Соли 91 ҳ./710 м. халифаи умавӣ Валид ибни Абдулмалик ба тавсиаи чаҳоруми Масҷид иқдом кард ва қисматҳоеро ба он афзуд, равоқҳоро бо чӯби соҷи музайян пӯшонд ва барои аввалин бор дар он сутунҳои рухомӣ (мармарӣ)-ро ба кор бурд.

5. Соли 139 ҳ./756 м. халифаи аббосӣ Абуҷаъфари Мансур ба тавсиаи панҷуми он пардохт ва масоҳати васееро ба он афзуд.

6. Соли 160 ҳ./777 м. халифа Маҳдии Аббосӣ дар аснои баргузории фаризаи ҳаҷ тангии саҳни Масҷидро аз гунҷоиши намозгузорон ва тавофкунандагон мушоҳида ва ба тавсиаи он аз тарафи шарқ ва шимол амр кард. Соли 164 ҳ./780 м. халифа Маҳдӣ барои адои фаризаи ҳаҷ боз ба Макка рафт ва бо мушоҳида наздикии хонаи Каъба ба ҷанубӣ Масҷид ба тавсиаи он аз ҷануб амр айёми умра минтақаи Ҳил мебошад.

Бастани эҳром пеш аз эҳромгоҳ ҷоиз аст, вале таъхири он аз миқот раво нест ва ҳар гоҳ баъд аз убур кардан аз миқот эҳром бандад, бар ӯ дам (хун ва ғаромат) воҷиб мешавад.

Агар ба сабаби вуҷуди монеае ҳаҷгузор натавонад аз худи миқот убур намояд, пас аз муқобил ё дар баробари он эҳром мебандад.

кард, то хонаи Каъба дар миёнаи саҳни Масҷид бошад.

Маҳдӣ соли 167 ҳ./783 м. ба тавсиаи дуюми Масҷид иқдом кард, ки бузургтарин тавсиаи Масҷид то он замон ба шумор мерафт ва масоҳати афзудаи ӯ 12512 м2-ро ташкил медод. Бинои онро пас аз вай писараш Ҳодӣ ба итмом расонд. Ҳазинаи умумии он 4 578 750 динорро ташкил додааст.

7. Қисмате аз Доруннадва – бинои анҷумани Қурайш дар тавсиаҳои қаблӣ ба Масҷид ҳамроҳ карда шуда ва соли 284 ҳ./897 м. халифа Муътазиди Аббосӣ ба ҳамроҳ намудани боқимондаи он ба Масҷид амр кард ва ин тавсиа ба боби Зиёда маъруф аст.

8. Соли 306 ҳ./919 м. қисмати дигари Доруннадва ба Масҷид ҳамроҳ карда шуд, ки ба боби Иброҳим маъруф аст ва бо ҳамин тавсиаи Масҷид дар гузашта ба охирин ҳадди худ расид. Пас аз он Масҷид ба муддати наздик ба 600 сол ба ҳамон ҳол боқӣ монд ва ҷуз бозсозӣ ва таъмироти ҷузъӣ дар он тавсиаи дигаре сурат нагирифт.

Соли 803 ҳ./1399 м. дар Масҷидулҳаром аз дари Вадоъ то дари Иброҳим оташсӯзие ба вуқӯъ омад, ки бар асари он равоқҳои он қисмати Масҷид фурӯ рехтанд ва аз нав бозсозӣ шуданд.

9. Соли 976 ҳ./1568 м. баъзе тарқишҳо ва осебҳо дар бинои Масҷид ба вуҷуд омад ва султон Салим халифаи усмонӣ 979-980 ҳ./1571-1572 м. ба тавсиа ва таъмири комили бинои Масҷид амр кард. Султон Салим соли 980 ҳ./1572 м. қабл аз такмили он вафот кард ва писараш султон Мурод бинои онро соли 984 ҳ./1576 м. ба итмом расонд. Он ба бинои салимӣ, муродӣ ва ё усмонӣ маъруф аст ва аз тарафи дохил то имрӯз ҳифз шудааст. Сақфи Масҷид дар бинои салимӣ бори аввал ба ҷои равоқҳои чӯбин бо 152 қубба пӯшонида шуд ва масоҳати саҳни он ба 28003 м2 расид.

10. Соли 1373 ҳ./1952 м. малик Суъуд ибни Абдулазиз тарҳи тавсиаи Масҷидулҳаромро рӯи даст гирифт ва марҳалаи аввали онро соли 1375 ҳ./1955 м. ба итмом расонд. Марҳалаҳои баъдии он ба дасти фарзандонаш малик Файсал ва Холид аз соли 1384 ҳ./1963 м. оғоз ва соли 1398 ҳ./1978 м. ба поён расиданд. Ба тамоми ин марҳалаҳо тавсиаи аввали суъудӣ гуфта мешавад.

11. Тавсиаи Ходими Ҳарамайн малик Фаҳд, ки ба тавсиаи дуюми суъудӣ машҳур аст, охирин ва бузургтарин тарҳе буда, ки соли 1409 ҳ./1988 м. оғоз ва пас аз чанд сол бо меъмории нодир ва пешрафтатарин имконоти умронӣ ба итмом расид.

ЭҲРОМ

Эҳром дар луғат ба маънои бар худ ҳаром гардонидани баъзе чизҳои ҳалол ва корҳои мубоҳ, ба монанди истифодаи хӯшбӯй, мубошарати зан ва ғ., барои зиёрати хонаи Худо аз миқотгоҳҳои муайян ва маҷозан ба маънои ду чодар ё порчаи нодӯхта, ки якеро ба сурати таҳбанд ва дигареро бар дӯш пӯшанд. Эҳром бастан ва эҳром гирифтан маросими эҳром ба ҷой овардан ва муҳрим ба маънои эҳромбанд, эҳромбаста ва эҳромгирифта бошад.

Ҳаҷ се рукн (фарз) ва умра ду рукн дорад. Рукнҳои ҳаҷ иборатанд аз: 1. эҳром; 2. вуқуф (истодан) дар Арафот; 3. тавофи ифоза (фарзӣ) ва назди баъзе фақеҳон аркони ҳаҷ ду чиз: вуқуф ба Арафот ва тавофи зиёрат аст ва эҳром аз шартҳои он аст. Рукнҳои умра иборатанд аз: эҳром ва тавоф.

Рукни аввали ҳаҷ ва умра (ва назди баъзе фақеҳон шарти онҳо) эҳром мебошад. Эҳром барои ҳар ду ибодат – ҳаҷ ва умра як хел аст. Шахси ҳаҷгузор ҳамин ки ба яке аз миқотҳо расид, бо нияти анҷом додани ҳаҷ ё умра вузӯ мегирад ва ғусл афзал аст ва ду порча либоси нодӯхтаи эҳромро мепӯшад. Он гоҳ ду ракъат намоз мегузорад ва бо ҳамин муҳрим мегардад. Яъне бо ҳамин расму тартибот ва аъмоли бастани эҳром комилан ба ҷо меоянд.

Ҳангоми бастани эҳром бо дилаш анҷоми ҳаҷ ва ё умраро ният мекунад ва бар хилофи дигар ибодатҳо дар ин ҷо суннат аст, ки нияташро ба таври ошкор ва бо садои баланд изҳор намояд. Изҳори он чӣ тавре бо гуфтани талбия сурат мегирад, бо ифодаи ният ва ё бо дуои тайсир ва қабули он аз сӯи Худованд низ ба ҷой меояд. Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) барои умра ва ҳаҷ якҷоя эҳром баста, мегуфт:

لَبَّيك عمرةً وحجًّا، لَبَّيك عمرةً وحجًّا

«Лаббайк бо умра ва ҳаҷ, лаббайк бо умра ва ҳаҷ».[1]

Дар ҳолати бастани эҳром ва ё пештар аз он хуб аст як силсила омодагиҳоеро ба тартиби зер ба ҷо оварад:

– Нохунҳояшро бигирад, мӯйҳои зери ноф ва зери бағалашро тоза намояд ва мӯйлабҳояшро низ кӯтоҳ кунад. Зеро пас аз бастани эҳром то замони ҳалол ва аз эҳром берун гаштан анҷоми ин амалҳо мамнӯъ мебошанд. Дар вақти бастани эҳром, агар бихоҳад, бар худ хушбӯй ва атр занад, зеро ин кор низ то поёни эҳром ҷоиз нест.

– Либосҳои эҳром беҳтар аст, ки сафед бошанд ва ё моил ба сафедӣ. Қисме аз амалҳои боло суннат ва қисме мустаҳаб мебошанд. Ғусл кардан, хушбӯй задан ва омодагиҳои пеш аз эҳромро анҷом додан мустаҳаб аст.

– Ҳамин ки тартиботи бастани эҳромро ба ҷо овард, фавран нияти худро муайян созад. Агар нияти умра ва ё ҳаққи таматтӯъ дошта бошад, дар ҳар ду сурат барои умра ният намояд ва бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ العُمرةَ، فيَسِّرْها لي وتَقبَّلْها مِنِّي

«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-умрата, фаяссирҳо лӣ ва тақаббалҳо миннӣ».

«Худоё! Инак, ман иродаи умраро дорам, пас онро бароям осон бигардон ва онро аз ман бипазир».

Вале, агар нияти ҳаққи ифрод дошта бошад, танҳо нияти ҳаҷ намояд ва бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الحجَّ، فيَسِّرْهُ لي وتَقبَّلْه مِنِّي

«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-ҳаққа, фаяссирҳу лӣ ва тақаббалҳу миннӣ».

Агар нияти ҳаққи қирон намояд, барои ҳаҷ ва умра ҳар ду ният намуда, бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الحجَّ والعُمرةَ، فيَسِّرْهُما لي وتَقبَّلْهُما مِنِّي

«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-ҳаққа ва-л-умрата, фаяс-сирҳумо лӣ ва тақаббалҳумо миннӣ».

Маънои инҳо низ ба монанди ҷумлаи аввал мебошад, танҳо ба ҷои умра ҳаҷ ва ё ҳаҷ ва умра бигӯяд.

– Вақте ният кард, дар ҳол ба гуфтани талбия шурӯъ намояд. Воҷиб аст, ки нияти эҳром ба яке аз зикрҳо пайваст шавад, вале суннат он

[1] Саҳеҳи Муслим, 3018, 3019 (1251)-214, 215.

аст, ки бо талбия пайваст бошад. Талбия дар ин ҷо изҳори ният ва вуруд ба боргоҳи ибодат аст. Ба дил гузаронидани талбия кифоя нест. Бояд онро ба забон талаффуз намояд, ба андозае, ки ҳадди ақал худаш онро бишнавад, вале баланд гуфтани он беҳтар аст. Талбия чунин аст:

لَبَّيْكَ اللَّهُمَّ لَبَّيْكَ ، لَبَّيْكَ لَا شَرِيكَ لَكَ لَبَّيْكَ،
إِنَّ الْحَمْدَ وَالنِّعْمَةَ لَكَ وَالْمُلْك، لَا شَرِيكَ لَكَ

«Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк. Инна-л-ҳамда ва-н-ниъмата лака ва-л-мулк, ло шарика лак».

– Ҳамон тавре, ки эҳром аз миқот баста мешавад, агар роҳҳо каме тағйир хӯрда, аз паҳлӯи миқот ва ё дуртар аз он гузаранд, аз рӯ ба рӯи он низ эҳром бастан ҷоиз аст. Агар пеш аз миқот эҳром бандад, низ дуруст, балки афзал аст. Муҳим он аст, ки аз миқот нагузашта бошад.

Имрӯз қофилаҳои ҳаҷгузорон бештар аз роҳи ҳавоӣ ба Ҷадда фуруд меоянд. Ҷадда дар самте воқеъ гардидааст, ки на ба миқоте наздик мебошад ва на дар баробари миқоте қарор дорад. Бояд ба яке аз наздиктарин миқотҳо баргардад ва эҳром бандад. Вале агар аз ҳамон Ҷадда эҳром баста, ба Макка равад, барои шикастани яке аз муқаррароти эҳром бар вай хуне (забҳе) воҷиб мегардад. Яъне барои ислоҳ ва ҷуброни ин хилофкорӣ забҳи чорвое бар гарданаш воҷиб гардида ва бо ҳамин эҳромаш низ дуруст мешавад. Барои ҳамин, беҳтар аст пеш аз миқот эҳром бандад. Лозим ба ёдоварист, ки аз миқот бастани эҳром воҷиб мебошад.

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ – тобеи Робитаи олами исломӣ – дар нишасти сеюми худ, ки субҳи рӯзи панҷшанбе дар таърихи 10/04/-1402 ҳ. мувофиқ ба 4/02-/1982 м. баргузор гардид, ба баррасии мавзӯи ҳукми эҳром аз Ҷадда ва он мушкиле, ки имрӯз бисёре аз зоирони хонаи Худо дар натиҷаи надонистани миқотгоҳҳо ба он рӯ ба рӯ мегарданд, пардохта, пас аз омӯзиши нусуси шаръие, ки дар ин бора ворид шудаанд, қарори зайлро ба тасвиб расонд:

Миқотгоҳҳое, ки расули Худо (с) муайян намуда ва эҳромро аз онҳо бар аҳли он манотиқ ва ҳамчунин бар касоне, ки бо нияти ҳаҷ ва ё умра аз онҳо убур мекунанд, воҷиб гардонидааст, иборатанд аз: а) Зулҳулайфа барои аҳли Мадина ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло онро Абёри Алӣ меноманд, б) Ҷуҳфа барои аҳли Шом, аҳли Миср ва аҳли Мағриб ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло аз Робиғ эҳром баста мешавад, в) Қарнулманозил барои мардуми Наҷд ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло водии Муҳаррам ва ё водии Сейл номида мешавад, г) Зотуирқ барои аҳли Ироқ, Хуросон ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло Зариба номида мешавад, д) Яламлам барои аҳли Яман ва касоне, ки аз он убур намоянд.

Ва дар ин бора қарор қабул мекунад: бар зоирони хонаи Худо воҷиб аст, ки вақте аз канор ва ё наздики яке аз ин панҷ миқотгоҳ гуаштанд, эҳром банданд. Агар кор бар онҳо муштабаҳ гардад ва касеро пайдо накунанд, ки онҳоро ба он иршод намояд, пас аз боби эҳтиёт бар онҳо воҷиб аст, ки муддате пештар аз он ба андозае, ки ба ғолиби гумонашон ҳанӯз дар хориҷи миқотгоҳҳо қарор доранд, эҳром банданд. Зеро эҳром бастан пеш аз миқот (дар назди баъзе мазҳабҳо ба таври мутлақ ва дар назди баъзеҳо) бо кароҳият ҷоиз аст ва вақте аз боби таҳарро, эҳтиёт ва аз бими бе эҳром гузаштани миқот сурат гирад, кароҳият аз он бартараф мегардад.[1]

[1] Дар идомаи қарори Маҷмаъ омадааст: Аҳли илм аз тамоми мазҳабҳои чаҳоргона ин гуфтаи моро зикр намуда ва барои он ба ҳадисҳои саҳеҳе, ки дар бораи таъйини миқотгоҳҳо аз Расули Худо (с) собит шудаанд, ҳамчунин ба асаре, ки дар ин бора аз Умар (рз) собит шудааст, истинод намудаанд. Аҳли Ироқ ба ӯ гуфтанд: Қарн аз тариқи мо бероҳтар воқеъ шудааст. Ба онҳо фармуд: Нигоҳ кунед ва аз баробари он аз роҳатон эҳром бандед.

Бинобар ин, набояд ҳаҷгузорон ва умракунандагоне, ки аз роҳҳои ҳавоӣ, баҳрӣ ва ғайри он меоянд, бастани эҳромро то замони расидан ба Ҷадда ба таъхир андозанд. Зеро Ҷадда аз он миқотгоҳҳое, ки расули Худо (с) муайян намудааст, ба шумор намеравад, ҳатто агар либоси эҳром надошта бошанд ҳам, набояд эҳромро то Ҷадда ба таъхир андозанд, балки ҳарчи барояшон муяссар бошад, бипӯшанд ва агар он ҳам муяссар нашуд, пас бо ҳамон либосҳои муқаррариашон эҳром банданд ва вақте ба Ҷадда расиданд, онҳоро дарҳол ба либоси эҳром иваз намоянд, вале сарашонро бараҳна гузоранд. Он гоҳ барои пӯшидани либосҳои дӯхташуда ба миқдори таоми шаш мискин – барои ҳар кадоме ним соъ – каффорат диҳанд ё се рӯз рӯза доранд ва ё гӯсфанде забҳ намоянд.

Узви маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ ҷаноби Мустафо Аҳмад Зарқо ба ин қарор эътироз намуд, ҳамчунин ҷаноби Абубакр Маҳмуди Ҷумӣ – узви маҷлиси Маҷмаъ – танҳо дар бораи мардуми ҷазира ва шаҳри

Маҷлиси ҳайати кибори уламо низ дар давра (сессия)-и чаҳордаҳуми худ, ки дар таърихи 10-21 моҳи шавволи соли 1399 ҳ. дар шаҳри Тоиф баргузор гардид, пас аз баррасии мактуби раиси маҳкамаҳои шаръӣ ва умури динии давлати Қатар – Абдуллоҳ бин Зайд Оли Маҳмуд дар бораи ҷавози миқот қарор додани Ҷадда барои мусофироне, ки бо ҳавопаймо ва ё бо киштӣ ба он ҷо меоянд, айнан ҷавоби Маҷмаи фиқҳи исломиро додааст.[1]

- Агар пас аз ният ва анҷоми тартиботи эҳром ба сабаби дастрас набудан либоси эҳромро напӯшид ва бо либосҳои муқаррарӣ вориди Ҷадда гардид, дар он ҷо бояд фавран либоси эҳром бипӯшад ва чун ба муддати ним шабонарӯз дар он боқӣ намонда бошад, чизе ҷуз пардохти садақае ба андозаи муште гандум бар вай воҷиб намегардад. Ин вазъ бештар барои онҳое пеш меояд, ки аз роҳи ҳавоӣ вориди Ҷадда мегарданд ва бо худ либоси эҳром надоранд, то дар ҳавопаймо пеш аз расидан ба яке аз миқотҳо ва ё дар болои он эҳром банданд.[2]

- Бе эҳром гузаштан аз миқот вақте ба сӯи Ҳарам бошад, хунро воҷиб мегардонад, вале дар аснои сафар ба сӯи Ҷадда шахси умрагузор ва ё ҳаҷгузор ҳарчанд аз паҳлӯ ва ё болои миқоте гузашта бошад ҳам, чун ба сӯи хориҷи Ҳарам аст, чизе бар вай воҷиб намегардад.

Вақте ба сафари ҳаҷ баромад, хуб аст се бор «**Аллоҳу акбар**» гӯяд, он гоҳ ин оятро бихонад: **«Субҳона-л-лазӣ саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринин ва инно ило раббино ламунқалибун»**[3] ва дар охир дуо кунад: ***«Аллоҳумма, инно насъалука фӣ сафарино ҳозо албирра ва-т-тақво ва мина-л-ъамали мо тарзо. Аллоҳумма, ҳаввин ъалайно сафарано ҳозо ватви ъанно буъдаҳу. Аллоҳумма, анта-с-соҳибу фи-с-сафари ва-л-халифату фи-л-аҳли. Ал-л-лоҳумма, иннӣ аъузу бика мин ваъсои-с-сафари ва каобати-л-манзар ва суи-л-мунқалаби фи-л-моли ва-л-аҳл»***. Дар бозгашт низ онҳоро гӯяд ва ин иборараро афзояд: ***«Ойибуна, тоибуна, ъобидуна, лираббино ҳомидуна»***.[4]

Эҳром бастан ба тариқи суннат ба ин сурат аст:

1. Ҳаҷгузор аввал ғусл ва ё таҳорат намояд ва ғусл афзалтар аст.

2. Ду либоси нав ё шусташудаи нодӯхтаро ба тан кунад, якеро ба ҷои изор истифода намуда, бо дигаре худро бипечонад.

3. Дар сурати имкон худро хушбӯ созад.

4. Ду ракъат намоз бихонад.

5. Пас аз адои намоз нияти ҳаҷ намояд.

МАМНӮОТИ ЭҲРОМ

Ҳаҷгузор ҳамин ки вориди эҳром, яъне муҳрим гардид, бояд аз чизҳое, ки дар аснои эҳром манъ шудааст, бипарҳезад. Маҷмӯи онҳоро мамнӯоти эҳром мегӯянд. Корҳое, ки дар зимни ин барнома бояд риоя шаванд, бар ду қисманд: а) аъмол ва маносики умра ва ҳаҷ, ки бояд бо муқаррароти хосси худ анҷом дода шаванд; б) мамнӯоте, ки дар рафти баргузории умра ва ҳаҷ бояд аз онҳо парҳез ва худдорӣ шавад.

Мамнӯоти эҳром ба шарҳи зеранд:

1. Лаҳву беҳуда гуфтан.

2. Фисқ анҷом додан.

3. Ҷангу ҷидол кардан.

4. Шикори ҳайвоноти саҳроӣ кардан ва ё бар сайд ва куштану хӯрдани он кӯмак кардан.

5. Касеро ба сӯи сайд раҳнамоӣ кардан.

6. Истеъмоли хушбӯиҳо.

7. Гирифтани нохунҳо.

Сувокин, ки ба Ҷадда меоянд, ба қарор мухолифат кард. Ва бо ҳамин қарор ба имзо расид. (Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори №2, давраи 5. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила).

[1] Маҷаллату-л-буҳуси-л-исломия. – Ҷ. 32. – С. 328. Қарорҳои ҳайати кибори уламо, қарори №33, таърихи 21/10/1399 ҳ. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[2] Пӯшидани либоси эҳром бахше аз коргузориҳо ва тартиботи бастани эҳром аст ва вақте пас аз бастани ният онро ба муддати камтар аз ҳадди вуҷуби хун тарк намояд, чизе ҷуз пардохти садақа бар вай воҷиб намегардад. Барои огоҳии бештар ба сархатти «пӯшидани либоси дӯхташуда» дар мавзӯи «Ҷиноятҳои эҳром» муроҷиат намоед!

[3] Ояти 12-ум ва 13-уми сураи Зухруф мебошад. **«Пок аст он Худое, ки ин василаи саворӣ (ва нақлия)-ро барои мо мусаххар гардонд ва мо ҳаргиз тавони (тасхири) онро надоштем. Ва мо бе ҳеҷ шакке, ба сӯи Парвардигорамон бармегардем»**.

[4] Саҳеҳи Муслим, 3262 (1342)-425. Сунани Абудовуд, 2599. Сунани Тирмизӣ, 3447. Ибни Умар (рз) – ровии ҳадис мегӯяд: «Расули Худо (с) ҳангоми сафар вақте бар шутураш савор мешуд, се бор такбир мегуфт ва ин дуоро мехонд ва вақти бозгашт низ онҳоро мегуфт.

8. Пӯшонидани сару рӯй ва ба сар кардани (мондани) амома (салла).

9. Пӯшидани пероҳан: изор, або, қабо ва ҳар чизе, ки дӯхта ё бофта шудааст.

10. Пӯшидани мӯза ва дасткаш.

11.Тарошидани мӯи сар ва бадан.

12. Сару рӯй ва риши худро бо маводи хушбӯ шустан.

13. Равғанмолии бадан.

14. Буридан ё кандани дарахт ё зироате, ки дар Ҳарам рӯидааст.

Қисми аввали мамнӯоти эҳром, то шумораи се, ба ахлоқ ва рафтори муҳрим, бахши дуюми онҳо, то шумораи шаш, ба риояи ҳурмати Ҳарам ва қисмати сеюми онҳо ба худи муҳрим тааллуқ доранд.

Мамнӯот эҳром дар умра ва ҳаҷ як ҳукмро доранд ва барои марду зан яксон мебошанд. Танҳо дар як маврид занон аз мардон тафовут доранд. Онҳо дар эҳром низ, ҳамчун пеш аз эҳром, либоси дӯхташуда мепӯшанд ва сари худро низ мепӯшонанд, вале рӯяшонро кушода медоранд. Ғусл кардан барои муҳрим гуноҳ ва мамнӯияте надорад.

Баъд аз ҳар намозе бештар талбия гуфтан ва ҳамчунин зиёд гуфтани он ҳангоми боло баромадан ва ё поён омадан аз водиҳо мустаҳаб аст.

Ҳарам ҷуз қиблаи қалбу назар нест,
Тавофи ӯ тавофи бому дар нест.
Миёни мову Байтуллоҳ рамзест,
Ки Ҷибрили аминро ҳам хабар нест.

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт)

Фасли дуввум

ТАРЗИ АНҶОМ ДОДАНИ ҲАҶ

ДОХИЛ ШУДАН БА МАККА

Дар ҳаҷҷи ифрод ҳар гоҳ ба Макка дохил шавад, аз масҷиди Ҳаром сар мекунад. Вақте чашмаш ба хонаи Каъба афтод, такбир ва таҳлил гӯяд. Сипас рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад[1] исто-

[1] **Ҳаҷаруласвад** الحجر الاسود, санги сиёҳе, ки дар рукни шарқии хонаи Каъба ҳудуди 1,5 м баландтар аз сатҳи замин дар тарафи рости дари Хона дар бурче гузошта шудааст. Он ҳоло ба сурати се қитъаи бузургтар ва панҷ қитъаи хурдтаре дар канори якдигар дар табақсанге насб шуда ва гирдогирдаш бо камарҳои филиззӣ баста шудааст. Ранги он сиёҳтоби моил ба сурхӣ буда, дар он донаҳои сурхранг ва гоҳе зардтоб дида мешаванд.

Бар асоси фармудаҳои Суннат, Ҳаҷаруласвад (рукн) ва мақом ҳар ду аз ёқутҳои ҷаннат ҳастанд ва онҳо аз биҳишт оварда шудаанд. Дар ҳадиси саҳеҳе ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Рукн (Ҳаҷаруласвад) ва мақом ду ёқуте аз ёқутҳои ҷаннат ҳастанд, ки Худо нури онҳоро тира сохта. Агар Худо нури онҳоро тира намесохт, аз машриқ то мағрибро рӯшан месохтанд»*** (Сунани Тирмизӣ 878). Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Ҳаҷаруласвад аз биҳишт, дар ҳоле ки аз шир ҳам сафедтар буд, фуруд омад, пас аз он гуноҳони одамизодагон онро сиёҳ намуданд»*** (Сунани Тирмизӣ 877).

Ҳаҷаруласвад хусусият ва таркиби шиҳобпора (метеор)-ӣ дорад ва ин илман собит месозад, ки он аз сангҳои осмонӣ аст, ҳамон гуна ки расули Худо (с) ин воқеиятро дар чандин ҳадис баён намудааст. Вале набояд иштибоҳан чунин пиндошт, ки он низ ба мисли дигар шиҳобпораҳо дар гузаштаҳои дури таърих ба замин афтода ва одамон онро гирифта дар хонаи Каъба гузоштаанд, балки он бо амри Худованд ба замин фиристода шудааст.

Доктор Зағлул Наҷҷор дар китоби «Замин дар Қуръони карим» менависад: «Шарқшиносон ва марказҳои ховаршиносӣ дар кишварҳои аврупоӣ пас аз мутолиаи осори ривоятшуда дар бораи Ҳаҷаруласвад пиндоштанд, ки он қитъае базалт аст, ки селу боронҳои сахт онро аз кӯҳҳои пурсанги атроф шуста ба пастиҳои Макка партофтаанд.

Барои исботи ин амр Ҷамъияти ҷуғрофияшиносони шоҳигарии Британия афсари англисеро бо номи Ричард Фронсес Бертон [Richard Francis Burton] барои дуздидани порае аз Ҳаҷаруласвад ба сурати ҳоҷии афғонӣ ба Макка фиристод. Вай соли 1853м./1269ҳ. ба Макка омад ва тавонист порае аз онро бо худ ба Британия бибарад. Пас аз омӯзиш ва озмоишҳои лабораторияи қитъаи дуздида дар он ҷо собит гардид, ки он аз сангҳои осмонӣ буда, ба шиҳобпораҳо шабоҳат дорад, вале таркиби химиявӣ ва минералии он аз онҳо фарқ мекунад. Бертон пас аз мушоҳидаи ин кашфиёт ислом оварда ва онро дар китоби дучилдаи худ «Сафаре ба Макка» [A Journey To Mecca] зикр намудааст».

Муҳйиддин Аҳмад Имом дар китоби «Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ» овардааст, ки яке аз донишмандони маркази фазонавардии Амрико НАСО дар конфронси маводди бадил (ивазкунанда)-и одамӣ дар Капитоли Амрико эълон кард, ки қитъае ба андозаи нахудро аз Ҳаҷаруласвад мавриди озмоишҳои лабораторӣ қарор додаанд ва он ба андозае қобилияти мувассилотӣ дошта, ки ин қитъаи хурди он бештар аз даҳ баробари ҳаҷми хартуми мошинҳои оташнишонӣ аз унсури фиберглас дорои тавони ноқилӣ ва сабту тасҷил мебошад ва неру (энергия)-и ин гуна аносири мувассилотӣ дар саросари коинот бо ҳам дар пайвастагӣ ва иртиботанд (Муҳйиддин Аҳмад Имом .Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. – С. 200-204, ба нақл аз моҳномаи Нисфуддунё дар Қоҳира (№ 527, 19/03/2000). – С. 76-78. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила).

Имом Шофеъӣ воқеан ҳам, дуруст ва бо басирате аз сӯи Худо фармуда, ки Ҳаҷаруласвад номи касеро, ки онро зиёрат (истилом) намояд ва номи модарашро сабт ва тасҷил менамояд ва номи онҳоеро, ки борҳо ба истиломи он мушарраф мегарданд, бо рамзҳои хоссе сабт менамояд.

Аз ҳаводис ва наводири таърихӣ яке он аст, ки Абутоҳир Сулаймони Ҷаннобӣ – сарвари қарматиёни Баҳрайн (дар Ҳаҷар) соли 317 ҳ./929 м. моҳи зулҳиҷҷа дар мавсими ҳаҷ ба Макка ҳамла кард ва пас куштори ҳоҷиён ва ғорати хонаи Каъба Ҳаҷаруласвадро бо худ ба Ҳаҷар – пойтахти қарматиён дар Баҳрайн бурд ва то соли 339 ҳ. ба муддати 22

да, такбиргӯён дастони худро баланд карда, Ҳаҷаруласвадро бӯса намояд ва кӯшиш кунад, ки ба мардум азият (озор) нарасонад. Аз ин рӯ, метавонад дастони хешро бар санги муқаддас гузошта, баъд дастҳояшро бибӯсад, ё ин ки бо асои хеш Ҳаҷаруласвадро масҳ намуда, сипас онро бибӯсад.

Агар натавонад ба санги муқаддас наздик шавад, дар рӯ ба рӯи он, аз дур ҳам бошад, истода, такбиргӯён бо дастҳои худ ба сӯи санг ишора мекунад ва сипас онҳоро мебӯсад.

ТАВОФИ ҚУДУМ ВА ТАРЗИ АНҶОМ ДОДАНИ ОН

Баъд аз он тавофи қудумро анҷом медиҳад. Тавофи қудум барои қорин (ҳаҷкунандаи қирон, яъне ҳаҷҷу умра якҷоя) ва муфриде (ҳаҷкунандаи ҳаҷҷи ифрод), ки аз берун меояд, суннат аст ва лозим нест аҳли Макка онро анҷом диҳанд.

Тавофи қудум барои шахсе, ки ҳаҷҷи таматтӯъ анҷом медиҳад ва ё барои умра дар ғайри моҳҳои ҳаҷ ба Макка меояд ва ҳамчунин, барои сокинони миқотгоҳҳо, минтақаи Ҳил ва Ҳарам суннат нест, яъне онҳо тавофи қудум намекунанд.

Муҳрим дар ҳоли анҷом додани тавофи қудум як гӯшаи эҳромашро (либоси эҳром) аз зери бағали рости худ гузаронида, бар шонаи (китфи) чапаш мениҳад ва шонаи росташро бараҳна боқӣ мегузорад. Инро **«изтибоъ»** гӯянд.

Дар се даври аввали тавоф тавре роҳ меравад, ки қадамҳояшро наздик гузошта, суръати ҳаракаташро метезонад ва ҳангоми роҳ рафтан китфонаш меҷунбанд. Ин гуна роҳ рафтанро «рамал» меноманд.

Шахси эҳромбаста барои ҳаҷҷи ифрод ва қирон вақте дохили Макка мегардад, бояд пои бо таҳорат ба Масҷидулҳаром равад ва ҳамин ки чашмаш ба хонаи Каъба афтод, такбиру таҳлил гӯяд. Он гоҳ дар саҳни масҷид дар рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад дар болои хатте, ки рукни Ҳаҷаруласвадро муайян месозад, қарор гирад.[1]

То имкон дорад, ба Ҳаҷаруласвад наздик шавад. Агар битавонад ва издиҳом набошад, сарашро дохили бурҷи Ҳаҷаруласвад намуда, онро бибӯсад. Дар сурате ки бароях чунин имконияте фароҳам набошад, бо дасти росташ ва ё ҳар чизе дар даст дорад, ба сӯи он ишора намояд ва ҳамон дасташро бибӯсад.[2] Вале кӯшиш намояд, ки дар наздик шудан ба бурҷи Ҳаҷаруласвад ва бӯсидани он ба касе озору азият нарасонад.[3] Ба ҳар ҳол, ҳангоми истиломи Ҳаҷаруласвад ва ё бардоштани даст ба сӯи он **«Бисмиллоҳи валлоҳу акбар»** бигӯяд.[4]

Сипас, ба тарафи дари хона ба тавоф пардозад. Дар рафти тавоф хонаи Каъба дар тарафи дасти чапи ӯ қарор мегирад. Чун ба даври хона гашт ва ба нуқтаи оғознамудааш, яъне рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад расид, як даври тавоф ба поён мерасад. Ба ҳамин тартиб, ҳафт даври тавофро анҷом медиҳад. Ин аввалин тавофи шахси муфрид мебошад ва онро тавофи қудум меноманд. Тавофро аз рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад ва бӯсидани он оғоз намуда, бо ҳамон амал дар охири даври ҳафтум ба поён мерасонад. Дар аснои тавоф ҳар боре, ки аз рукни ямонӣ бигзарад,онро истилом намояд, яъне дасти худро ба он бирасонад, вале онро набӯсад. Тавофро

сол хонаи Каъба бе Ҳаҷаруласвад монд. Соли 339 ҳ. бо миёнаравии халифаи вақти аббосӣ дар Бағдод Ҳаҷаруласвад нахуст ба Куфа ва пас аз он ба Макка фиристода шуд ва 10 зулҳиччаи он сол бори дигар дар ҷояш гузошта шуд (Доиратулмаорифи форсӣ. – Ҷ. 2. – С. 2027; Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила).

[1] Дар ҳадиси Ҷобир (рз) омадааст: ***«Вақте Паёмбар (с) ба Макка омад, аз Ҳаҷаруласвад шурӯъ кард ва онро истилом намуд. Он гоҳ ба тарафи рост ҳаракат кард ва се бор бо рамал ва чор бор бо ҳаракати одӣ тавоф кард»*** (Саҳеҳи Муслим, (1218)-147). Истилом ба маънои ламс намудани Ҳаҷаруласвад бо даст ва бӯсидани даст мебошад. Истиқболи Ҳаҷаруласвад ва истиломи он дар ибтидои тавоф суннати муаккада мебошад, вале дар ибтидои ҳар даври тавоф пас аз он мустаҳаб аст.

[2] Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ савори шутур тавоф кард ва Ҳаҷаруласвадро бо асое, ки дар даст дошт, истилом мекард»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1607. Саҳеҳи Муслим, (1272)-253).

[3] Умар ибни Хаттоб (рз) мегӯяд, ки паёмбар (с) ба вай гуфт: ***«Эй Умар, ту марди бақуввате ҳастӣ, дар (истиломи) санг музоҳимат эҷод накун, то боиси озори одамони заъиф нагардӣ. Агар он ҷоро хилват ёфтӣ, онро истилом кун ва дар ғайри он рӯ ба сӯи он биовар ва такбиру таҳлил бигӯ»*** (Муснади имом Аҳмад, 190. – Ҷ. 1. – С. 28. Сунани Куброи Байҳақӣ, 9043. – Ҷ. 5. – С. 80).

[4] Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки ҳангоми истиломи Ҳаҷаруласвад: **Бисмиллоҳи валлоҳу акбар** мегуфт. (Эълоуссунан, 2631. – Ҷ. 5. – С. 74).

аз беруни Ҳатим[1] анҷом медиҳад.

Шахси қорин аввал умраи худро ба ҷой меоварад ва рӯзи ҳаштум ҳангоми шурӯи аъмоли ҳаҷ пеш аз рафтан ба Мино тафови қудумро ба ҷо меоварад.

Агар шахси муфрид ва ё қорин пас аз тавофи қудум дар миёни Сафо ва Марва[2] саъй ҳам намояд, пас бояд дар тавофи қудум ду суннати дигари тавофро, ки рамал ва изтибоъ[3] мебошанд, низ ба ҷой оварад. Зеро ин ду суннат дар тавофе ба ҷо оварда мешаванд, ки пас аз он саъй ҳам воҷиб бошад, ба монанди тавофи умра. Пас аз тавофи қудум саъй вуҷуд надорад, вале агар шахси муфрид ва ё қорин пас аз он саъйро ба ҷо оварад, ба ҷои саъйи ҳаҷ пас аз тавофи фарзӣ ҷоиз мегардад.

НАМОЗИ ТАВОФ

Баъд аз тавоф гузоридани ду ракъат намоз воҷиб аст. Ин намозро метавонад дар ҳар ҷои масҷид адо намояд, вале беҳтар аст онро дар пушти Мақоми Иброҳим[4] бигузорад, ба тавре ки Мақом дар миёни ӯ ва Каъба қарор гирад.

---

[1] **Ҳатим** حطيم, ҷоест дар шимоли хонаи Каъба аз канори рости он ва миёни рукнҳои шомӣ ва ироқӣ, ки ба даври он ба андозаи пасттар аз қомати инсон девори қавсмонанде бардошта шудааст. Хонаи Каъба бар он асосе, ки Иброҳим (а) онро бино карда буд, қисмате аз масоҳати он девори нимдоираро низ дар бар мегирифт. Пеш аз ислом бар асари оташсӯзӣ ва пас аз он селе хонаи Каъба хароб гардид ва Қурайшиҳо онро аз нав бино намуданд.

Онҳо барои сохтани хонаи Каъба аз молҳои покашон маблағи муайяне ҷамъ ва аз молҳое, ки ба рибо, ҳаром ва ғайра олуда буданд, сарфи назар намуданд. Вақте бинои хонаро бардоштанд, моли покашон барои бинои Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ кифоят накард ва қисмате аз Хонаро аз девор берун ва он девори қавсмонандро перомуни он бардоштанд, то масоҳати хонаи Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ муайян бошад.

Дарозии Ҳатим аз девори шимолии Хона бештар аз ҳашт метр (8,16 см) аст, ки каме бештар аз шаш зироъ=3,16 см-и он аз Хона ва панҷ метри боқимондааш аз Ҳиҷри Исмоил (а) ба шумор меравад.

[2] **Сафо ва Марва** [الصَّفا والمَروة] – номи ду кӯҳи маъруф дар Макка мебошанд, ки рукни (воҷиб) саъй дар байни онҳо анҷом дода мешавад. Он аз Сафо шурӯъ гардида, дар Марва ба поён мерасад. Имрӯзҳо қисматҳое аз он ду кӯҳ каме ҳамвор ва ба бинои масҷид ҳамроҳ карда шудаанд. Ошёнаи дуюм ва сеюми масҷид низ, ҳамон қисмате, ки дар болои саъйгоҳ қарор дорад, барои саъй мувофиқ гардонида шудааст.

Кӯҳи Сафо дар гузашта низ чандон кӯҳи баланде набуд, балки ҳамон доманаи кӯҳи Абуқубайсро кӯҳи Сафо мегуфтанд. Марва низ дар доманаи кӯҳи Лаълаъ воқеъ шудааст ва Лаълаъ теғаи кӯҳи Қуъайқиъон аст. Тавсиаи Масҷидулҳаром аз замони малик Абдулазиз ибни Абдурраҳмон Оли Суъуд соли 1372 ҳ. шурӯъ гардид ва оҳиста-оҳиста Сафо, Марва, саъйгоҳ ва ғайра, ба он ҳамроҳ гардиданд. Ҳатто берун аз девори масҷид доманаи ҷабали Абуқубайс ва Лаълаъ низ ҳамвор карда шуда, дар он ҷойҳо роҳ, биноҳо ва ғайра бунёд карда шудааст.

[3] Рамал – он аст, ки шахси тавофкунанда суръати ҳаракати худро дар се даври аввали тавоф метезонад ва қуввату тавонмандии худро ба намоиш мегузорад.

Изтибоъ – он аст, ки гӯшаи рости эҳромашро аз зери бағалаш гузаронида, ба болои шонаи (китфи) чапаш меандозад ва шонаи росташро бараҳна мегузорад.

Рамал танҳо дар се даври аввали тавоф суннат ва машрӯъ мебошад, вале изтибоъ дар тамоми ҳафт даври тавоф суннат аст. Рамал дар сурати имкон ва нарасидани осебу озор ба касе ба ҷо оварда мешавад. Дар ғайри он ҳолати издиҳоми мардум бояд риоя шавад. Дар ҷое, ки холитар аст, тезтар ҳаракат намояд ва дар ҷое, ки издиҳом аст, оромии ҳаракати мардумро риоя намояд.

[4] **Мақоми Иброҳим** مقام ابراهيم тахтасангест, ки Иброҳим (а) ҳангоми бардоштани деворҳои Каъба ва рӯи ҳам чидани сангҳо дар он дергоҳи таърих дар болои он истодааст. Асари қадамҳои муборакаш дар он санг боқӣ монда ва он яке аз осори маҳфузмонда аз бунёдгузори хонаи тавҳид, Иброҳими Халил (а) ва бино ба фармудаи Қуръон, яке аз нишонаҳо ва оёти равшани Худованд дар Макка аст (Оли Имрон, 3: 97).

Тибқи ривоёти Суннат, он санге аз ёқутҳои ҷанат аст, ки дар он замон ба замин оварда шудааст. Бинобар ривоятҳои таърихӣ он санг то замони расули Худо (с) дар тарафи чапи дари Хона наздики девори Каъба будааст. Вақте шумораи ҳоҷиён сол то сол афзуд, Умар (рз) соли 17 ҳ./638 м. пас аз ҳодисаи сели Умминаҳшал, ки Мақомро бардошта ба поёни Макка бурд, онро хеле ақибтар дар охири марзи тавофгоҳ то он рӯз наздики Боби банӣ Шайба гузошт ва дар замин муҳкам кард.

Мақом то қабл аз тавсиаи аввали суъудӣ ба сурати кушода – бе ҳеҷ гуна рӯйпӯше дар маърази диди мардум қарор дошт, пас аз он болояш бо рӯйпӯше аз миси зард ва куббаи зарде пӯшонида шуд ва бо пойдевори мармарӣ ба замин муҳкам карда шуд.

Ба гуфтаи муаррихи муосири араб Маҳмуд Шокир, ин ҳодиса бинои Каъба ва Мақом ҳудудан 3800 сол пеш аз ҳиҷрати паёмбар (с), яъне ҳудуди солҳои 3200 к. м. сурат гирифтааст (ат-Таъриху-л-исломӣ. – Ҷ. 1.- С. 82) ва натиҷаи таъсири омилҳои табиӣ тайи ҳазорон сол дар он танҳо мавзеи ду пои бузург боқӣ монда ва асари аз ҳам ҷудои ангуштон аз он маҳв гаштааст.

САЪЙИ МИЁНИ САФО ВА МАРВА

Вақте аз намози тавоф фориғ гардид, Ҳаҷару-л-асвадро масҳ ва бӯса намуда, сипас ба тарафи кӯҳи Сафо ҳаракат мекунад ва ҳамин ки болои он баромад, рӯ ба Каъба гардонида, такбиру таҳлил мегӯяд ва бар расули Худо (с) дуруд мефиристад. Баъд аз он дастони худро баланд карда, ба даргоҳи Худованди мутаъол дуо менамояд.

Се бор гуфтани ин дуо мустаҳаб аст:

لااله الاالله وحده لاشريك له، له الملك وله الحمد، وهو علي كلّ شيءٍ قدير. لااله الا الله وحده، انجَز وعْدَه، ونَصَرَ عَبده وهزم الاحزاب وحدَه.

«Ло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ало кулли шайъин қадир. Ло илоҳа илла-л-лоҳу ваҳдаҳу, анҷаза ваъдаҳу, ва насара ъабдаҳу ва ҳазама-л-аҳзоба ваҳдаҳу».

«Нест маъбуди ҳақиқие, ба ҷуз Аллоҳи ягона, ки ҳеҷ шарику анбозе барои Ӯ нест. Аз они Ӯст мулки ҳастӣ ва барои Ӯст ситоиш ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, ки ягона аст. Ба ваъдааш вафо намуд ва бандаашро нусрату пирӯзӣ дод ва Ӯ худ аҳзоб (дастаҳои душман)-ро шикаст дод».

Пас аз он ба сурати одӣ (бе шитоб) ба сӯи Марва ҳаракат мекунад ва ҳамин ки ба нишонаи сабз расид, аз он ҷо то нишонаи сабзи дигар давон – давон мегузарад ва ин дуоро мехонад:

ربّ اغْفِر وَ ارْحمْ و أنتَ الأَعَزّ الأَكْرَمْ و تَجاوزْ عمّا تَعْلَم.

«Рабби-ғфир ва-рҳам ва анта-л-аъаззу-л-акраму ва таҷоваз ъаммо таълам».

Ҳамин ки аз нишонаи сабзи[1] дуюм убур намуд, дубора ба сурати одӣ роҳ меравад ва вақте ба Марва расид, болои он баромада, ҳамон аъмолеро, ки дар кӯҳи Сафо анҷом дода буд, дар кӯҳи Марва низ ба ҷо меоварад.

Ин аст як даври ҳаракат аз Сафо то Марва. Ва ҳамин тавр ҳафт бор саъй менамояд.

Занҳо дар фосилаи миёни ду нишонаи сабз монанди мардҳо намедаванд, балки дар ҳамаи давраҳои саъй ба сурати одӣ роҳ мераванд.

РАФТАН БА МИНО ВА АРАФОТ

Баъд аз анҷоми тавофи қудум ва саъйи миёни Сафо ва Марва, агар то анҷоми ҳаҷ чанд рӯзе боқӣ монда бошад, ҳаҷгузори мутаматтеъ аз эҳром хориҷ ва (ҳаҷгузороии қорин бо ҳамон эҳроми хеш) дар Макка иқомат ихтиёр карда, ҳар қадаре хоҳад тавофи нафл анҷом медиҳад. Як рӯз пештар аз рӯзи тарвия имом дар хутбаҳои хеш масоиле, ба монанди чигунагии рафтан ба Мино ва Арафот, чӣ гуна хондани намоз, вуқуф (истодан) дар Арафот, тавофи ифоза ва ғайраро ба мардум меомӯзад.

Рӯзи тарвия (рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа) баъд аз адои намози бомдод ҳаҷгузори мутаматтеъ дар Ҳарам (дар Макка ё атрофи он) аз нав эҳром мебандад ва (ҳаҷгузори қорин бо ҳамон эҳромаш) ба сӯи Мино ҳаракат мекунад. Дар Мино то ҳангоми тулӯи офтоби рӯзи Арафа боқӣ мемонад ва пас аз баромадани офтоб ба сӯи Арафот ҳаракат намуда, дар он ҷо то ғуруби офтоб боқӣ мемонад.

Дар Арафот вақте офтоб завол намуд, имом намози пешин ва асрро якҷо бо як азон ва ду қомат

---

[1] Ба он ду нишонаи сабз дар истилоҳи фиқҳӣ «**милайни ахзарайн**» ё «**ду мили сабз**» гуфта мешавад. Саъйкунанда дар миёни онҳо каме босуръат ҳаракат мекунад. Дар гузашта саъйгоҳ ва кӯҳи Сафову Марва аз ҳудуди масҷид берун буданд. Ин милҳо аз як тарафи роҳ ба девори масҷид ва аз тарафи дигар ба девори ҳавлии Аббос (рз) овезон буданд. Аммо имрӯз баъди тавсиаи масҷид милҳо ба сурати ду чароғи сабзе аз ду тарафи роҳрави саъйгоҳ дар ҳар ду ошёнаи масҷид гузошта шудаанд. Бо ду чароғи сабз аввал ва охири мавзее, ки дар он бояд босуръат ҳаракат кард, нишонагузорӣ шудаанд.

Саъйгоҳ (масъо) батни водӣ ва ё мавзеи байни кӯҳи Сафо ва Марва, ки маросими саъй барои ҳаҷ ва умра дар он анҷом дода мешавад ва ба ду марзи байни пасттарин нуқтаи он милайни ахзарайн гуфта мешавад. Масофаи саъйгоҳ аз Сафо то Марва 395,4 м ва бино бар андозаи Иброҳим Рифъат дар соли 1910 405 м аст, ки аз Сафо то ибтидои Милайн 75 м, масофаи байни Милайн 70 м ва аз Милайн мо Марва 260 м будааст.

Болои саъйгоҳ дар гузашта кушода буд ва аввалин бор дар замони Шариф Ҳусайн – ҳокими Макка (1919) сақфпӯш гардид, дар замони малик Суъуд 1375 ҳ./1955 м. дар болояш бинои дутабақа сохта шуд ва дар тавсиаи дуюм дар солҳои 1415–18 ҳ./1994–97 м. онро ба Масҷид ҳамроҳ ва дар болояш бинои чандошёна сохтанд, ки паҳнои он 20 м аст ва барои ҳаракати дусамта тӯли онро бо панҷара ду қисмат карданд.

бо мардум адо менамояд. Пеш аз намоз ду хутба эрод мекунад ва дар онҳо барои мардум аҳкоми намоз, вуқуфи (истодан) дар Арафа ва Муздалифа, партофтани санг бар шайтон, қурбонӣ, тарошидани сар ва тавофи зиёратро меомӯзад.

Баъд аз намоз ба тарафи мавқиф (ҷои истодан) меравад. Ҳамаи Арафот ба ҷуз «Батни Урана» мавқиф аст, вале истодан дар «Ҷабали Раҳмат» мустаҳаб аст ва ҳамчунин мустаҳаб аст, ки ғусл намуда, то ғуруби офтоб ба дуову ниёиш машғул шавад.

ҲАРАКАТ БА СӮИ МУЗДАЛИФА

Ҳамин ки офтоб нишаст, Арафотро ба қасди Муздалифа тарк мекунад. Дар Муздалифа намози шом ва хуфтанро ба як азон ва як иқомат якҷоя адо менамояд ва ҷоиз нест ин ду намозро дар Арафот ва ё дар роҳи ба сӯи Муздалифа адо кунад ва агар хонда бошад, онҳоро аз сар мехонад.

Шабро то субҳ дар Муздалифа гузаронида, баъд аз тулӯи субҳи содиқ намози субҳро дар торикӣ бо ҷамоат ба ҷо меоварад. Сипас то каме пеш аз тулӯи офтоб дар Муздалифа истода, ба зикру дуо дар пешгоҳи Худованди мутаъол машғул мешавад.

Ҳамаи Муздалифа ба ҷуз «Батни Муҳассар» мавқиф аст.

ҲАРАКАТ БА СӮИ МИНО

Баъд аз вуқуф дар Муздалифа, ки то каме пештар аз тулӯи офтоб идома меёбад, ба сӯи Мино ҳаракат мекунад. Дар Мино ба «Ҷамраи Ақаба» наздик гардида, ба он ҳафт сангреза партоб менамояд. Дар вақти партофтани ҳар сангреза такбир гуфта, ин дуоро низ мехонад:

بسم الله، الله أكبر، رِضًى لِلرَّحْمَنِ وَرَغْمًا للشَّيْطان

«Бисмиллоҳи Аллоҳу акбар, ризан ли-р-раҳмони ва рағман ли-ш-шайтони».

а) Ҳафт адад сангрезаи миёна, ба ҳаҷми донаи хурмо.

б) Сангчаро ба пушти ангушти калон мегузорад ва бо раҳо кардани он аз ангушти дуюм онро партоб менамояд. Агар онҳоро ба таври одӣ ҳам партояд, ҷоиз аст.

в) Кӯшиш намояд, ки дар издиҳоми мардум ба сару сурати касе барнахӯранд. Агар ду-се сангча зиёдтар гирифта бошад, беҳтар аст, зеро имкон дорад санге пеш аз партофтан аз дасташ биафтад ва адади сангҳояш кам гардад.

г) Бо партоби аввалин сангреза талбияро бас менамояд.

ғ) Вақте сангрезаи ҳафтумро партофт, дар назди Ҷамраи Ақаба дигар намеистад.

д) Вақти партоби сангҳои рӯзи ид аз баромадани офтоб то дамидани субҳи рӯзи ёздаҳум мебошад, вале беҳтар аст, ки то пеш аз ғуруби офтоби ҳамон рӯз партофта шаванд.[1]

е) Сангчаҳоро якто-якто мепартояд.

Касе ҳаққи ифрод мекунад, бар вай қурбонӣ воҷиб нест, вале барояш мустаҳаб аст. Аз ин рӯ, баъд аз партофтани сангреза ба «Ҷамраи Ақаба», мӯи сари худро кӯтоҳ мекунад ва ё метарошад ва тарошидан беҳтар аст ва бо ҳамин, аз эҳром берун меояд ва барои ӯ, ба ҷуз наздикӣ бо зан, ҳама чиз ҳалол мегардад. Дигар метавонад либоси дӯхташуда бипӯшад, хушбӯй истеъмол намояд, нохунҳояшро бигирад ва ғайра.

Аммо касе, ки барои ҳаққи таматтӯъ ва ё қирон эҳром бастааст, баъд аз партофтани сангрезаи «Ҷамраи Ақаба» қурбонӣ намуда ва баъд аз он мӯи сарашро кӯтоҳ менамояд ва ё метарошад.

Агар ҳаҷгузори муфрид қурбонӣ намояд, кӯтоҳ намудан ва ё тарошидани сар барои ӯ, чи қабл аз қурбонӣ ва чи баъд аз он, ҷоиз аст, вале беҳтар аст сарашро баъд аз қурбонӣ битарошад.

---

[1] Барои занон, пирамардон, беморон ва шахсони заъифу бемадор ҷоиз аст, ки пеш аз дамидани субҳ, яъне нимаи дуюми шаб аз Муздалифа хориҷ гардида ва пас аз дамидани субҳ, ки Ҷамарот холӣ мебошад, сангҳои рӯзи идро дар Ҷамраи Ақаба партоб намоянд. Вале беҳтар он аст, ки баъд аз баромадани офтоб рамйи ҷимор намоянд. Зеро аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) заъифони аҳлашро торико-торик фиристод ва ба онҳо амр кард, ки то офтоб набарояд, рамй нанамоянд»*** (Сунани Абудовуд, 1941. Сунани Тирмизӣ, 893. Сунани Насоӣ, 3065. Сунани Ибни Моҷа, 3025). Ин назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ мебошад.

Бар асоси баъзе ривоятҳои дигар ҳатто пеш аз дамидани субҳ низ рамйи ҷимор намудани онҳо ҷоиз аст. Аз Оиша (рз) дар ин бора омадааст: ***«Паёмбар (с) Умми-саламаро шаби ид равон кард ва вай пеш аз дамидани субҳ рамй намуд…»*** (Сунани Абудовуд, 1942).

Мӯи сарашро дар ҳудуди Ҳарам кӯтоҳ кунад ё битарошад ва агар онро дар беруни Ҳарам анҷом диҳад, бар вай дам (хун) воҷиб мешавад.

Аз Анас (рз) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) ба Мино (ва минтақаи Ҷамарот) омад ва сангҳои рӯзи идро ба Ҷамраи Ақаба партоб кард. Сипас ба манзили худ дар Мино баргашт ва қурбонӣ намуд. Он гоҳ ба сартарош бо ишора ба ҷониби рост ва чапи сараш фармуд: Бигир! ва қабзаҳои мӯяшро ба мардум медод»***.[1]

ТАВОФИ ЗИЁРАТ

Баъд аз кӯтоҳ кардан ва ё тарошидани мӯи сар воҷиб аст тавофи зиёратро анҷом диҳад. Вақти тавофи зиёрат, ки ба он «тавофи ифоза» низ мегӯянд, аз тулӯи офтоби рӯзи ид то ғуруби рӯзи дувоздаҳум аст, яъне се рӯз идома меёбад, вале дар рӯзи ид тавоф беҳтар аст.

Тарзи анҷом додани тавофи зиёрат ба монанди тавофи қудум аст, танҳо ин ки агар дар тавофи қудум рамал ва баъд аз он саъйи миёни Сафо ва Марваро анҷом надода бошад, дар тавофи зиёрат ин ду маносикро адо менамояд. Вале агар онҳоро дар тавофи қудум анҷом дода бошад, дар тавофи зиёрат ба ҷо овардани онҳо зарурӣ нест. Изтибоъ низ дар тавофи зиёрат вуҷуд надорад. Зеро аз ҳолати эҳром хориҷ шудааст.

Бо анҷоми тавофи зиёрат зан низ бар ҳоҷӣ ҳалол мегардад.

САНГЗАНӢ БА ШАЙТОН

Баъд аз тавофи зиёрат ба Мино бармегардад ва дар рӯзҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум баъд аз заволи офтоб ба шайтонҳо санг мепартояд.

Сангзаниро аз Ҷамраи Суғро (рамзи хурди шайтон), ки наздик ба масҷиди Хиф аст, шурӯъ карда, ба Ҷамраи Вусто (рамзи миёнаи он) мегузарад ва ниҳоятан, дар Ҷамраи Кубро (бузург) ба охир мерасонад.

Ба ҳар ҷамрае ба миқдори муайян сангреза партоб мешавад ва ҳангоми бо сангреза задани рамзҳои шайтон такбир ва таҳлил мегӯяд.

Баъд аз партоби сангреза ба Ҷамраи аввал ва ҳамчунин ба ҷамраи дуюм дар канори рости онҳо рӯ ба қибла истода, ба дуо ва ниёиш ба даргоҳи Худованди мутаъол мепардозад, вале баъд аз задани сангрезаҳо ба ҷамраи бузург, дигар наистода, зуд бармегардад ва дар ҳоли ҳаракат дуо мекунад.

Баъд аз фориғ шудан аз сангрезапартоӣ ба ҷамароти сегона дар рӯзҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум метавонад ба Макка баргардад ва ё дар Мино боқӣ монда, дар рӯзи сездаҳум низ ба ҷамароти сегона санг партоб намояд.

Агар рӯзи дувоздаҳум то баъд аз ғуруби офтоб дар Мино монда бошад, дар ин ҳолат хориҷ гаштани ӯ аз Мино пеш аз партоби сангрезаҳои рӯзи сездаҳум макрӯҳ аст.

Агар рӯзи сездаҳум то баъд аз тулӯи субҳи содиқ он рӯз дар Мино бошад, партоби сангреза ба ҷамарот барояш воҷиб мегардад.

ТАВОФИ ВИДОЪ

Пас аз партоби сангрезаҳо ба ҷамарот ба ҷуз тавофи видоъ, ки онро «тавофи садр» низ мегӯянд, чизи дигаре аз маносики ҳаҷ боқӣ намемонад.

Тавофи садр барои онҳое, ки аз хориҷ меоянд ва ба онҳо дар истилоҳи фақеҳон офоқӣ гуфта мешавад, воҷиб аст. Ин тавофро пеш аз баргаштан ба ватани худ анҷом медиҳад.

Дар тавофи садр низ ҳафт бор дар атрофи Каъба давр мезанад ва тарзи анҷом додани он ба монанди тавофи қудум аст, танҳо ин ки дар ин тавоф рамал, изтибоъ ва баъд аз он саъй вуҷуд надорад. Пас аз тавофи қудум низ саъй вуҷуд надорад, вале агар пас аз он саъй намояд, ба ҷои саъйи фарзӣ ҳисоб мешавад.

Дар ин тавоф бо ашку ҳасрат ба хонаи Худо хайрухуш менамояд, барои зиндагии босаодат ва хушбахтии худ, хонавода ва ҳамдиёронаш дар сояи таълимоти арзишманди ислом дуо менамояд ва насиби дидори дубораи он сарзамини муқаддас ва хонаи тавҳидро аз Худо мехоҳад.

---

[1] Саҳеҳи Муслим, (1305)-323. Сунани Абудовуд, 1981, 1982. Сунани Тирмизӣ, 912. Дар ривояти Тирмизӣ омадааст, ки ***«Мӯйҳои тарафи рости сарашро ба Абуталҳа дод ва мӯйҳои тарафи чапашро ба вай дод ва гуфт: Онҳоро дар байни мардум тақсим кун!»***.

Пас аз тавоф аз оби Замзам[1]

мезанад. Дар аснои ҳафри нафақ (тунел)-ҳое, ки тайи чанд даҳаи ахир дар шаҳри Макка роҳандозӣ шуда, тарқишҳо ва рагаҳои обгузари борике дар таркиби сахраҳо ва кӯҳҳои он мушоҳида шуда, ки аз тамоми атроф дар онҳо ба сӯи Ҳарам ва чоҳи Замзам об меояд.

Умқи чоҳи Замзам аз зери саҳни тавофгоҳ 30 м ва умқи ҷойгиршавии чашмаҳои таъминкунандаи он ба об (ҳавзаҳои обиаш) 12,80 м аст, ки атрофи он то ин ҷо сохта шудааст ва аз чашмаҳо то қаъри чоҳ 17, 20 м дигар аст, ки дар қалби сахраҳо ба шакли кандашуда вуҷуд дорад ва умқи сатҳи об аз даҳони чоҳ 4 м аст. Он дар фосилаи 21 м аз шарқи рукни Ҳаҷаруласвад воқеъ шуда ва бо се манбаи бузурги обӣ – сарчашмаҳо, ки яке аз самти Каъба – Мақом ва Ҳичр ва дуи дигар дар як даҳона аз шимол аз самти минтақаи Аҷёд ва 21 чашмаи хурдтар, ки аз самти кӯҳҳои Абуқубайс, Сафо ва Марва меоянд, таъмин мешавад.

Болои чоҳи Замзам аз соли 1663 бо бино ва қуббае пӯшонида шуда буд, ки ба «Байтушшароб» маъруф буда, кормандони сиқоят аз он ҷо ба мардуми ҳаҷгузор об медоданд. Ин бино то қабл аз марҳалаи дуюми тавсиаи аввали саъудӣ вуҷуд дошт ва барои баланд кардани садои муаззин (мукаббирия) ба кор мерафт ва аз болои он азон гуфта мешуд.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Оби Замзам беҳтарин об бар рӯи замин аст»*** (Маҷмаъу-з-завоид, 5712) ва бино ба ривояти мавқуфе аз Ибни Аббос: ***«… Оби Замзам аз чашмаҳои биҳишт аст»*** (Мусаннафи Ибни Абушайба, 1734). Нӯшидани оби Замзам аз суннатҳои тавоф аст ва пас аз он нӯшида мешавад. Расули Худо (с) фармуд: ***«Оби Замзам барои ҳар чизе нӯшида шавад, фоида мебахшад»*** (Сунани Ибни Моҷа, 3062; Мустадраки Ҳоким, 1782). Ҳангоми нӯшидани оби Замзам рӯй ба қибла меоварад, «Бисмиллоҳ…» мегӯяд ва хуб аст, ки онро бо се дам ва ё дар се навбат бинӯшад, пас аз ҳар даме ба сӯи хонаи Каъба назар афканад ва Худоро шукр гӯяд ва дар охир дуо кунад: ***«Аллоҳумма, асалука илман нофиъан ва ризқан восиъан ва шифоан мин кулли доин! «Худоё, аз Ту илми нофеъ, ризқи кушода ва шифои аз ҳар дардро масъалат дорам!»*** (Мустадраки Ҳоким, 1782).

Марҳабо, эй булбули дастони ҳай,
К-омадӣ аз ҷониби бустони ҳай.
Марҳабо, эй андалеби хушнаво,
Фориғам кардӣ зи қайди мосиво!
Бозгӯ аз Наҷду аз ёрони Наҷд,
То дару деворро орӣ ба ваҷд!
Бозгӯ аз Замзаму Хифу Мино,
Вораҳон дил аз ғаму ҷон аз ано!

(Шайх Баҳоӣ. Маснавии нону ҳалво)

Ибни Аббос (рз) ба марде насиҳат кард: ***«Вақте аз оби Замзам нӯшидӣ, ба қибла рӯй биовар, номи Худоро зикр намо (Бисмиллоҳ бигӯ) ва онро бо се дам бинӯш ва аз он бо шикамсерӣ бинӯш ва чун фориғ гаштӣ, Худоро шукр бигӯ!. Зеро расули Худо (с) мефармояд: Нишонае, ки моро аз мунофиқон ҷудо месозад, ин аст,***

---

[1] **Замзам** ар. زمزم, чоҳ ё чашмаи обе дар Макка дар шарқи хонаи Каъба, ки бар асоси таълимоти ислом, аз нишонаҳои қудрати Худованд ва осори табаррук дар он сарзамин ба шумор меравад. Оби замзам бино ба ривоятҳои саҳеҳ, пас аз сукунати Исмоил (а) ва модараш Ҳоҷар дар Ҳарами Макка бо зарбаи по ё боли Ҷабраил (а) пайдо гаштааст. Вақте обу ғизои Ҳоҷар пас аз чанд рӯзе сукунат тамом шуд ва тифлашро дид, ки аз ташнагӣ ба худ мепечад ва ду пояшро ба замин мезанад, дар талаби об ба кӯҳи Сафо, ки ба вай наздиктар буд, баромад ва ба ҳар тараф нигоҳ кард ва чун чизе надид, ба сӯи кӯҳи Марва шитофт, вале дар он ҷо низ чизе пайдо накард. Вай ҳамчунон дар байни он ду кӯҳ саъй мекард, то он ки пас аз ҳафт бор садое шунид ва ба соҳиби он гуфт: Агар дар ту хайре бошад, ба фарёдамон бирас! Ба ногоҳ дар мавзеи ҷоҳи замзам фариштаи (Ҷабраил)-ро дид, ки бо пушти пояш ё бо шоҳпараш ба замин зад ва об аз он ҷо берун омад, он гоҳ ба Ҳоҷар гуфт: Аз зоеъ шудан биме надошта бошед, ки ин ҷо (ва бо дасташ ба сӯи баландие, ки дар он наздикӣ буд, ишора кард) хонаи Худост, ки ин кӯдак ва падараш онро бино мекунанд! Ва ҷои Хона замини баланде ба мисли теппа буд.

Модари Исмоил атрофи обро ҳавз мекард ва намегузошт ҷорӣ шавад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Худо модари Исмоилро раҳмат кунад, агар онро мегузошт, (имрӯз) чашмаи равоне буд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 3364). Ибни Ҳаҷар ба нақл аз Ибни Ҳишом, Фокиҳӣ ва дигарон овардааст, ки барои ҳамин – ҳавз кардани оби он ё барои фаровонии обаш ва ё барои ҳазмаи (зарба)-и Ҷабраил (а) он Замзам номида шудааст.

Ба Иброҳим ворис шуд Симоил,
Ки ҷорӣ зери пояш гашт Замзам.

(Девони Адибулмамолики Фароҳонӣ)

Тибқи фармудаи мураттибони Фарҳанги Лорус, Иброҳим (а) ва хонадонаш ҳудуди солҳои 1800 қ. м. аз сарзамини Байнаннаҳрай ба Канъон рафт. Бар ин асос, ҳодисаи сукунати ниме аз хонадони Иброҳим – Ҳоҷар ва Исмоил дар сарзамини Макка ва пайдо шудани оби замзам каме баъдтар аз солҳои 1800 қ. м. ба вуқӯъ омадааст (Larousse. – С. 496). Вале ба гуфтаи муаррихи муосири араб Маҳмуд Шокир, ин ҳодиса ҳудудан 3800 сол пеш аз ҳичрати паёмбар (с), яъне ҳудуди солҳои 3200 қ. м. сурат гирифтааст (ат-Таъриху-л-исломӣ. – Ҷ. 1.- С. 82).

Пас аз муддатҳо дар замони қабоили баъдӣ бар асари омилҳои ҷуғрофӣ ва ё бо сабабҳои дигаре ҷои ҷоҳи замзам матмур (зери хок) ва обаш нопайдо гашт, то он ки дар замони бобокалони расули Худо (с) Абдулмутталиб ба хобаш даромад ва ҷои он ба вай нишон дода шуд. Ва ҷои чоҳи З амзам бори дигар ба василаи ӯ ҳафр шуд ва мавриди истифода қарор гирифт.

Ҳудуди 5 000 сол ва ба гуфтаи Соид Бакдош, 4860 (Фазлу мои Замзам. С. 50) сол аст, ки оби Замзам аз миёни қабатсангҳои вулкании ғафс ва тағйирёфта ҷӯш

ки онҳо аз оби Замзам бо шикамсерӣ наменӯшанд» (Сунани Ибни Моҷа, 3061. Мустадраки Ҳоким, 1781).

Фикри рӯшанбин амалро раҳбар аст,
Чун дурахши барқ пеш аз тундар аст.
Хешро бар реги сӯзон ҳам бизан,
Ғута андар чашмаи Замзам бизан!
(Иқболи Лоҳурӣ. Асрори худӣ)

Илова бар баракоти маънавие, ки бо иноятиҳосси Парвардигор дар оби Замзам ниҳода шуда, дар таркиби он маводди минералие, аз қабили кальций, натрий, магний, калий ва ғ. вуҷуд доранд.

Кальций (калсиюм) элементи химиявие бо аломати химиявии Ca, нарм ва сабук аст, ки дар ҳаво ба зудӣ ҷилои худро аз даст медиҳад. Он дар маъдан (кон)-ҳои табиӣ бештар ба сурати карбонати калсиюм (оҳаксанг,, санги мармар, гили сафед ва ғ.) ва сулфати калсиюм (гач ва ғ.) вуҷуд дорад. Таркиботи химиявӣ ва минералии он барои ҳаёт (сабзиш, мустаҳкам намудан ва ғизо додани организм) зарурӣ ҳастанд ва моддаи асоси ба вуҷудоварандаи устухонҳо ва дандонҳоро ташкил медиҳад.

Натрий (судиюм) элементи химиявӣ бо аломати Na, ки фаровонтарин филиззи ишқорӣ дар рӯи замин ба шумор меравад ва дар миёни ҳамаи элементҳои мавҷуд дар қабати болои замин мақоми ҳафтумро дорад. Номи он аз “Натрун – карбонат”-и арабӣ гирифта шуда, ба маънои мутааллиқ ба карбонати табиӣ мебошад, яъне шакли табиии он ба сурати карбонати натрий дар табиат вуҷуд дорад. Он дар ҳаво тез ба оксид табдил мешавад ва мавҷудияти он дар реша – қабатҳои поёнии замин ҷои шашумро мегирад ва қабатҳои болоии он аввалин ва фаровонтарин элементи химиявӣ ба шумор меравад. Он дар мубодилаи минералҳо дар организми тамоми мавҷудоти зинда хидмат мекунад, яъне барои фаъол сохтани кори органикии организмҳои зинда зарур аст.

Магний (магнезиюм) элементи химияви бо аломати Mg, ки ҳам дар саноати металургӣ ба кор меравад ва ҳам ба андозаи муайяне аз он барои организми зинда зарурат дорад.

Калий (путосиюм) элементи химиявӣ бо аломати Ca, ки ба сурати намакҳои минералии гуноугун дар табиат вуҷуд дорад ва аз минералҳои зарурӣ ва муҳимтарин қисмати бофтаҳои органикии организмҳои мавҷудоти зинда, махсусан гиёҳон ташкил медиҳад.

Илова бар ин, оби замзам дар таркиби худ минерале бо номи флуроид (фтор, фторидҳо) дорад, ки онро аз олуда шудан ба ҳар навъ микроб, бактерия ва олудагиҳои зараровар ҳамеша пок ва тоза нигаҳ медорад ва дар худ хусусияти микробкушӣ – антибактериалӣ, зидди уфунӣ ва дезенфикатсионӣ дорад. Барои ҳамин ҳеҷ гоҳ ба он хлор ҳамроҳ намекунанд.

Сухани расули Худо (с) воқеан ҳам, ба хубӣ ва ба таври равшан тамоми хусусиятҳои ғизоӣ, беҳдоштӣ ва шифодиҳандагии онро бозгӯ мекунад, он ҷо ки мефармояд: ***«Оби Замзам муборак – пур аз баракот аст, он таоми серкунанда ё шоҳи таомҳо ва шифои ҳар гуна беморӣ аст».*** менӯшад[1] ва дар рӯ ба рӯи дари хона истода, даст ба дуо мебардорад.[2] Пас аз он ду ракъат намоз гузорида, аз Ҳарам хориҷ мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки пас аз тавофи қудум ва видоъ саъйе вуҷуд надорад.

МАСЪАЛАҲОИ ГУНОГУН

- Шахсе, ки барои умра ва ҳаҷ, яъне барои ҳаҷҷи қирон эҳром бандад, вале аз сабаби танг омадани вақт ба Макка дохил нашуда, рост ба Арафот равад, вуқуфи дар Арафотро ба ҷо меоварад ва умраашро тарк менамояд. Ҳаҷҷаш ба ҳаҷҷи ифрод табдил ёфта, забҳи қурбонӣ аз вай соқит мегарданд. Вале барои тарки умрааш як хун (забҳ) ва қазои умра бар вай воҷиб мегардад. Қазои умраашро пас аз айёми ташриқ метавонад ба ҷой оварад.

- Шахсе барои ҳаҷҷи ифрод эҳром бандад ва аз сабаби тангии вақт ба Макка дохил нашуда, рост ба Арафот равад, вуқуфро дар он ҷо ба ҷо меоварад ва тавофи қудум аз вай соқит мегардад. Бо тарки тавофи қудум чизе бар вай воҷиб намегардад.

- Шахсе дертар ба Арафот расад ва аз завоҳи офтоби рӯзи Арафа то дамидани субҳи рӯзи ид чанд лаҳзаеро ҳам дар он ҷо дарёбад, ҳаҷро дарёфтааст.

- Занони ҳаҷгузор тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро ба монанди мардон анҷом медиҳанд ва танҳо дар мавридҳои зерин аз мардон фарқ доранд:

[1] Аз Ҷобир (рз) ва Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Оби Замзам барои ҳар чизе нӯшида шавад, фоида мебахшад»*** (Сунани Ибни Моҷа, 3062. Муснади имом Аҳмад. – Ҷ. 3. – С. 356. Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132). Бинобар ин, Ибни Аббос (рз) вақте оби Замзам менӯшид, дуо мекард: *«Парвардигоро, аз Ту илми нофеъ, ризқи кушода ва шифои аз ҳар дардро масъалат дорам»* (Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132).

Дар ҳадиси дигаре аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Нишонае, ки моро аз мунофиқон ҷудо месозад, ин аст, ки онҳо оби Замзамро бо шикамсерӣ наменӯшанд»*** (Сунани Ибни Моҷа, 3061. Бусирӣ исноди онро дар «Мисбоҳ» саҳеҳ гуфтааст).

[2] Ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) рӯй ва синаи худро ба Мултазам мечаспонд»*** (Сунани Куброи Байҳақӣ, 9546. – Ҷ. 5. – С. 164). Мултазам байни рукни Ҳаҷаруласвад ва дари Каъба мебошад ва он яке аз маконҳои иҷобати дуо аст.

а) сари худро бараҳна намесозанд,

б) рӯяшонро бо чодар ва ниқоб намепӯшонанд,

в) талбияро бо овози баланд намегӯянд,

г) либоси дӯхта мепӯшанд,

ғ) дар тавоф рамал намекунанд,

д) дар саъй дар миёни нишонаҳои (милҳои) сабз намедаванд,

е) дар поёни аъмоли барномаи умра ва ҳаҷ сари худро наметарошанд, балки мӯяшонро кӯтоҳ менамоянд,

ё) агар зан дар ҳолати ҳайз ва ё нифос барои ҳаҷҷи ифрод эҳром баста бошад ва ё пас аз бастани эҳром ҳайз бинад ва то рӯзи тарвия (рӯзи ҳаштум) пок нагардад, тавофи қудумро тарк намуда, ба Мино меравад. Ба ғайр аз тавофи зиёрат (фарзӣ) дигар тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро анҷом медиҳад. Аммо тавофи зиёратро пас аз пок шудан анҷом медиҳад.

ж) вале агар пас аз тавофи зиёрат (фарзӣ) ҳайз ва ё нифос бинад ва вақти бозгашташ низ фаро расида бошад, дар он сурат тавофи видоъро тарк менамояд ва бар гарданаш чизе ҳам воҷиб намегардад.[1]

ТАВОФИ ЗАНИ ҲОИЗ

Чӣ тавре зикр гардид, заноне, ки дар ҳолати ҳайз ва ё нифос қарор доранд, тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро ба мисли дигарон анҷом медиҳанд ва танҳо амале, ки онро наметавонанд дар он ҳолат анҷом диҳанд, даромадан ба Масҷид ва тавофи фарзӣ аст.

Дар ҷараёни ҳаҷҷи Расули Худо (с) дидем, ки Оиша (рз) – ҳамсари он ҳазрат (с) – ҳангоми ворид шудан ба Макка пеш аз анҷоми умра ҳайз дид ва натавонист умраашро, ки аз тавоф ва саъй иборат аст, ба ҷой оварад. Расули Худо (с) ба вай гуфт: ***«Ҳар чиро ҳаҷгузор анҷом медиҳад, ба ҷой овар, ба ҷуз тавофи Хона, ки то пок нашавӣ, онро анҷом надеҳ»***.[2] Пас аз анҷоми фаризаи ҳаҷ Расули Худо (с) вақте шунид, ки Сафийя (рз) – ҳамсари дигари он ҳазрат (с) – ҳайз дидааст, фармуд: ***«Оё моро аз ҳаракат бозмедошта бошад?»*** Гуфтанд: Тавофи фарзиро ба ҷой овардааст. Фармуд: ***«Набошад, не»***.[3] Дар ривояте омадааст: ***«Агар тавофи рӯзи идро анҷом дода бошӣ, пас (ҳамроҳамон) ҳаракат кун»***.[4]

Аз маҷмӯи ҳадисҳое, ки дар ин бора ривоят шудаанд, бармеояд, ки назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ дар ин масъала мустанад ва хеле қавӣ аст ва зан то аз ҳайз ва ё нифос пок нагрдад, тавофи фарзиро ба ҷой оварда наметавонад. Вале дар сурате зарурати бозгашт пеш омада ва он барояш ногузир бошад, агар имконоти молиаш хуб бошад, пас тавофро бо ҳамон ҳол анҷом медиҳад ва барои ҷуброни норасоии ба вуҷудомада як шутур ва ё як гов забҳ менамояд ва бо ҳамин фарз аз вай соқит мегардад.

Аммо дар сурате иститоати забҳи шутур ё говро надошта бошад ва дар айни замон имкони боқӣ мондан дар он ҷо то давраи пок гаштан низ барояш муяссар набошад, дар ин вақт аз назари фиқҳӣ ба мушкил рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин, барои ҳалли ин қазия Муфтӣ Худоназар дар китоби худ «Маҳмуду-л-фатово» бо истинод ба «Фатовои исломӣ»-и Дору-л-ифтои Миср чаҳор ваҷҳи дигарро пешниҳод намудааст:

а) Шахсеро аз ҷониби худ ба ҳайси намоянда бифиристад, то пас аз анҷоми тавофи фарзии худ барои вай тавоф намояд. Пас ҳамон гуна ки намояндагӣ дар партоби сангҳо ҷоиз аст, дар ин маврид ҳам ҷоиз мебошад. Агарчи дар мазҳаби ҳанафӣ ниёбат дар тавофи фарзӣ ҷоиз нест, вале дар ин замон мушкилоти зиёде пеш омадааст, ки ҷуз ин роҳи ҳалле надорад,

б) ё доруи боздоранда ва пешгирикунанда аз ҳайз истифода намояд ва ғусл намуда тавофашро ба ҷой оварад,

[1] Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки: ***«Мардум амр шудаанд, ки тавофи видоъ охирин аҳди онҳо бо Хона бошад, вале аз зани ҳайздида тахфиф ба амал омадааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 329, 1755, 1756. Саҳеҳи Муслим, 1328)-380. Дар ҳадиси Ибни Умар (рз) омадааст: ***«…Магар занони ҳайздида, ки Расули Худо (с) (тарки тавофи видоъро) барои онҳо иҷозат додааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 330, 1761. Сунани Тирмизӣ, 944). Дар ривояти Оиша (рз) омадааст, ки: ***«Сафийя духтари Ҳуяй, ҳамсари Паёмбар (с) ҳайз дид. Инро ба Расули Худо (с) гуфтам, фармуд: Оё моро аз ҳаракат боз медошта бошад? Гуфтанд: Тавофи фарзиро ба ҷой овардааст!. Гуфт: Набошад, не»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1757). Дар баъзе ривоятҳои Оиша (рз) омадааст: ***«Агар тавофи рӯзи идро анҷом дода бошӣ, пас (ҳамроҳамон) ҳаракат кун»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1762). Манзур хориҷ шудан аз Макка ва бозгашт ба Мадина мебошад.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 305, 1650.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1757.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1762.

в) ё дар вақтҳое, ки хуни ҳайз дар ин миёна гаҳ-гоҳе қатъ мегардад, дар он вақт тавоф намояд. Ин қавл ба мазҳаби имом Молик (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва як қавле аз имом Шофеъӣ (рҳ) мувофиқат мекунад.

г) ва ё ғусл намуда, мавзеи хунро бо порчае муҳкам бибандад ва тавофи фарзиро ба ҷой оварад. Бар асоси мазҳаби имом Аҳмад (рҳ) ва имом Шофеъӣ (рҳ) дар ин сурат низ бар вай чизе воҷиб намегардад.[1]

Тазаккур: Бо таваҷҷуҳ ба ин ки бисёре аз занон ба ин масъала рӯ ба рӯ мешаванд, дар ҳоле ки имкони мондан то давраи пок гаштан аз ҳайзро надоранд ва боқӣ мондан дар эҳром то соли оянда аз як сӯ, барои онҳо мӯҷиби чан дин ҷиноят ва шикастани мамнӯъоти эҳром мегардад ва аз сӯи дигар, омадан ба Макка дар соли оянда ва ба ҷой овардани тавоф имрӯз барои як шахси одӣ тасаввурнопазир аст ва ҳамзамон тибқи гуфтаи Муфтӣ Муҳаммадтақии Усмонӣ дар ҷилди сеюми «Дарси Ҷомеи Тирмизӣ» дар китобҳои мазҳаби ҳанафӣ роҳи ҳалле барои он ёфт намешавад, пас агар дар вақти зарурат ба ақвол ва назароти фиқҳие, ки дар ин ҷо зикр шудаанд, амал шавад, шаръан ҳеҷ ишколе надорад.[2]

[1] Хулосаи он чи, ки дар Фатовои исломии Дору-л-ифтои Миср дар ин бора омадааст. – Ҷ. 8. – С. 2926, 2927.

[2] Маҳмуду-л-фатово. – Ҷ. 2. – С. 235-238. Бо каме ихтисор ва тасарруф дар ибораҳо.

Фасли севвум

УМРА

Умра дар луғат ба маънои зиёрат кардан ва обод доштан ва дар истилоҳи шаръ ибодати махсусе аст, ки аз амалҳои чоргонаи зерин иборат аст:

1. Эҳром.

2. Тавофи Каъба.

3. Саъйи миёни Сафо ва Марва.

4. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар.[1]

Аз ин умури чоргона ду чиз, яъне эҳром ва тавоф фарз буда, ду чизи дигари он, яъне саъй ва тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар воҷиб мебошад.

Адои умра дар тамоми умр як бор барои касоне, ки қудрат ва тавоноии расидан ба Маккаи мукаррамаро дошта бошанд, суннати муаккада аст.

Барои адои умра вақти муайяне вуҷуд надорад, балки онро ба таври ифрод дар тамоми авқоти сол метавон анҷом дод, ҳамон гуна ки онро дар зимни барномаи ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон дар мавсими ҳаҷ низ метавон анҷом дод, вале умра кардан дар моҳи мубораки Рамазон савоб ва фазилати зиёде дорад.

Адои умра ҳамроҳ бо ҳаҷ саҳеҳ мебошад. Иншоаллоҳ, ҳангоми баёни ҳаҷҷи қирон ва таматтӯъ онро шарҳ хоҳем дод.

Аммо тарзи адои умра ба ин тариқ аст, ки аз миқотгоҳ эҳром баста, ду ракъат намоз бигузорад, он гоҳ нияти умра карда бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الْعُمْرَةَ، فَيَسِّرْهَا لِي وَ تَقَبَّلْهَا مِنِّي

«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-умрата, фаяссирҳо лӣ ва тақаббалҳо миннӣ».

«Бор Худоё, қасди анҷоми умра дорам, пас онро бароям осон бигардон ва онро аз ман қабул бифармо».

Сипас, ҳамон тавре ки дар эҳроми ҳаҷ аст, талбия мегӯяд. Бо адои ин кор муҳрим (эҳромбаста) мегардад. Вақте ба Маккаи мукаррама расад, аввал ҳафт бор тавофи умра намуда, баъд аз он ҳафт бор миёни Сафо ва Марва саъй мекунад. Сипас мӯи сари худро кӯтоҳ мекунад ё метарошад ва тарошидан аз кӯтоҳ кардан беҳтар аст, вале ҳар кадоми онҳо ҷоиз аст.[2]

Сари худро дар ҳар кучое аз Ҳарам битарошад, дуруст аст. Дар пушти Марва берун аз девори масҷид сартарошхонаҳо ҷой гирифтаанд. Баъзеҳо бо худ қайчӣ доранд ва аз ин ҷо-он ҷои сар қабзаҳои мӯяшонро мебуранд, ки он низ вақте аз чаҳор як ҳиссаи сарро ташкил диҳад, ҷоиз аст.[3] Суннат он аст, ки тамоми сар тарошада ва ё мӯяш кӯтоҳ карда шавад ва бо

---

[1] Умра бо эҳром шурӯъ ва пас аз тавоф (рукн) ва саъй байни Сафо ва Марва (воҷиб) бо тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯи сар ба поён мерасад.

Назди аксари машоихи ҳанафӣ ва бузургони моликӣ дар умр як бор анҷом додани умра суннати муаккада аст, назди пешвоёни шофеъӣ дар зоҳири мазҳаб ва ҳанбалӣ бо истинод ба ояти **«Ва ҳаҷ ва умраро барои Худо ба итмом расонед!»** (Бақара, 2: 196) фарз аст.

[2] Аз Абуҳурайра (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Худоё, барои муҳаллиқон (ҳоҷиёне, ки сарҳояшонро тарошидаанд) мағфират намо. Гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Фармуд: Худоё, барои сартарошидагон мағфират намо. Боз гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Боз фармуд: Худоё, барои сартарошидагон мағфират намо. Гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Он ҳазрат (с) дар навбати чаҳорум: Ва барои кӯтоҳкунандагон гуфт»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1728. Саҳеҳи Муслим, (1302)-320).

Дар ривояти Ибни Умар (рз) омадааст, ки ***«Расули Худо (с) сарашро тарошид. Баъзе саҳобагон сарҳояшонро тарошиданд ва баъзе мӯяшонро кӯтоҳ карданд»*** (Саҳеҳи Муслим, (1301)-316). Ин ҷо буд, ки расули Худо (с) дуои машҳурашро фармуд. Вале дар ривояти Ибни Умар (рз) ба ҷои ***«мағфират намо» «раҳмат кун»*** омадааст (Саҳеҳи Бухорӣ, 1727. Саҳеҳи Муслим, (1301)-317, 318).

[3] Назди бузургони шофеъӣ бо тарошидан ва ё гирифтани чанд тори мӯй аз ҳар ҷои сар, ки бошад, воҷиби ҳалқ ба ҷой меояд (Китоби ал-Умм. – Ҷ. 2. – С. 232. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила).

тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани рубъи он низ воҷиб адо меёбад, вале дар камтар аз рубъ (чаҳоряк) ҷоиз намегардад.

Бо ҳамин, умраи муфрада (бе ҳаҷ) ва умраи ҳаҷҷи таматтӯъ ба поён мерасад ва шахси муҳрим ҳалол гашта, аз эҳромаш хориҷ мешавад. Дигар чанд рӯзе, ки барои ҳаҷ ва хориҷ шудан ба сӯи Мино боқӣ монда бошад, ба сурати одӣ ва дар ҳаёти муқаррарӣ ба сар мебарад. Вале ҳаҷгузори қорин умрааш ба поён расида бошад ҳам, дар ҳолати эҳром боқӣ мемонад.

Дар эҳроми умра низ аз ҳамон умуре, ки дар эҳроми ҳаҷ аз онҳо манъ шудааст, парҳез бикунад.

Дар эҳроми умра ҳангоми аввалин тавоф талбияро бас намояд.

ҚИРОН

Ҷамъ миёни эҳроми ҳаҷ ва умраро қирон ва он касеро, ки миёни онҳо ҷамъ менамояд, қорин мегӯянд.

Қирон беҳтар аз ифрод ва таматтӯъ аст ва таматтӯъ аз ифрод авлост.

Тарзи адои қирон ба ин шакл аст, ки аз ҳамон аввал аз миқотгоҳ барои ҳаҷ ва умра якҷоя эҳром баста, ду ракъат намоз бигузорад, он гоҳ ният карда, бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الْحَجَّ وَ الْعُمْرَةَ ، فَيَسِّرْهُمَا لِي وَ تَقَبَّلْهُمَا مِنِّي

«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-ҳаҷҷа ва-л-умрата, фаяс-сирҳумо лӣ ва тақаббалҳумо миннӣ».

«Бор Худоё, қасди анҷоми ҳаҷ ва умра дорам, пас онҳоро бароям осон бигардон ва онҳоро аз ман қабул бифармо».

Сипас, талбия гуфта, муҳрим мегардад. Ҳамин ки ба Маккаи мукаррама дохил шуд, нахуст ҳафт бор тавофи умра менамояд. Дар ҳоли анҷом додани тавоф як гӯшаи эҳромашро аз зери бағали рости худ гузаронида, ба китфи чапаш мениҳад ва китфи росташро бараҳна боқӣ мегузорад. Дар се даври аввали тавоф тавре роҳ меравад, ки қадамҳояшро наздик гузошта, ҳаракаташро суръат медиҳад ва ҳангоми роҳ рафтан китфу шонаҳояш меҷунбанд.

Сипас миёни Сафо ва Марва саъй менамояд. Пас аз саъйи умра ба маносики ҳаҷ шурӯъ намуда, дубора тавофи қудум ва пас аз он саъй менамояд, ки ин саъйаш барои ҳаҷ аст.

Баъд аз он дар ҳолати эҳром боқӣ мемонад, то он ки дар рӯзи тарвия (ҳаштум) ба Мино биравад. Дигар маносикаш (аъмол ва ҷузъиёти ҳаҷ), мисли мондани дар Мино, истодан (вуқуф) дар Арафот ва Муздалифа, рамйи (партофтан) Ҷамраи Кубро дар рӯзи ид, гузаронидани шаб дар Мино, партоби санг ба ҷамароти сегона ва тавофи зиёратро ҳам монанди ҳаҷҷи ифрод анҷом медиҳад, танҳо ин ки бар қорин воҷиб аст баъд аз рамйи Ҷамраи Кубро дар рӯзи ид қурбонӣ намояд.

Пас аз қурбонӣ мӯи сари худро кӯтоҳ ё тарошида, аз эҳроми ҳаҷ ва умра якҷоя берун меояд ва ба ҷуз наздикӣ бо зан корҳои дигар барояш ҳалол мегарданд. Баъд аз тавофи зиёрат зан низ барояш ҳалол мегардад.

Касе эҳроми ҳаҷ ва умраро якҷоя баста бошад, агар ба Маккаи мукаррама дохил нашуда, бевосита ба Арафот бирасад, қиронаш ботил ва қурбонии он соқит мегардад. Ва ба сабаби тарки умра бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад ва ҳамчунин қазои умраашро пас аз ҳаҷ ба ҷо меоварад.

Қорин агар барои харидани чорвои қурбонӣ чизе надошта бошад, метавонад ба ҷои он даҳ рӯз рӯза бигирад, ба ин тариқ ки се рӯзи онро ҳангоми ҳаҷ, ки охирин рӯзи он мусодиф бо рӯзи Арафа бошад, адо намуда ва пас аз он вақте ба ватанаш баргашт, бақияи ҳафт рӯзашро дар он ҷо пурра намояд.

Агар ин се рӯзаш қазо ва рӯзи ид фаро расад, он гоҳ ҷуз куштани қурбонӣ чизи дигаре онро адо намекунад. Агар бақияи ҳафт рӯзашро баъд аз ҳаҷ ва пеш аз баргаштан ба диёраш рӯза гирад, боке надорад.

ТАМАТТУЪ

Таматтуъ он аст, ки дар яке аз моҳҳои ҳаҷ аз миқотгоҳ эҳроми умра баста, ба Маккаи мукаррама дохил мешавад, сипас аввал тавоф, баъд саъй ва пас аз он мӯи сари худро кӯтоҳ намояд ё битарошад ва бо ҳамин ҳалол гардида, умрааш ҳам ба поён мерасад. Бо оғози тавоф талбияро бас менамояд.

Баъд аз он бо ҳамин ҳолат, бе эҳром дар Маккаи мукаррама боқӣ мемонад, то ин ки рӯзи тарвия (ҳаштуми зулҳиҷҷа) фаро расад. Он гоҳ барои адои ҳаҷ аз минтақаи Ҳарам эҳром бас-

та, маносики ҳачро ба монанди касе, ки ҳаҷҷи ифрод мекунад, анҷом медиҳад, танҳо ин ки мутаматтеъ бояд пас аз партофтани санг ба Ҷамраи Кубро дар рӯзи ид қурбонӣ намояд ва агар барои хариди қурбонӣ чизе надошта бошад, метавонад ба ҷои он даҳ рӯз, ба ҳамон тарзе, ки барои қорин баён гардид, рӯза бигирад.

Таматтуъ ду навъ аст:

1. Он ки мутаматтеъ дар он бо худ қурбонӣ набарад. Он чи дар боло шарҳ додем, тарзи адои ҳамин навъи таматтуъ мебошад.

2. Он ки мутаматтеъ дар он бо худ қурбонӣ барад. Тарзи адои ин навъи таматтӯъ ба ин гуна аст, ки аз миқотгоҳ барои умра эҳром баста, ҳамроҳ бо қурбонии худ ба Маккаи мукаррама раҳсипор мегардад. Агар қурбониаш гов бошад, як тикка чарм ва ё таноберо ба гардани он бибандад ва агар шутур бошад, бинобар назари имом Абуҳанифа (рҳ) нишонагузорӣ намешавад, вале ба назари имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) онро нишонагузорӣ менамояд ва куҳонашро (куф) аз тарафи рост шақ (чок) мекунад.

Вақте ба Маккаи мукаррама дохил шуд, ибтидо барои умра тавоф ва саъй намуда, сипас дар ҳолати эҳром то рӯзи тарвия боқӣ мемонад. Он гоҳ барои ҳаҷ эҳром баста, ҳамаи маносикро ба монанди касе, ки ҳаҷҷи ифрод мекунад, адо менамояд. Бо ин фарқият, ки мутаматтеъ баъд аз рамӣ (партофтан)-и Ҷамраи Кубро қурбонии худро кушта ва пас аз он мӯи сарашро кӯтоҳ менамояд ва ё метарошад ва бо ҳамин аз ҳар ду эҳром берун меояд.

Таматтуъ навъи дуюми ҳаҷ ва дар луғат ба маънои баҳраманд шудан, баҳра ҷустан ва истифода намудан аст ва дар истилоҳи шаръӣ ба он ҳаҷҷе гуфта мешавад, ки ҳаҷгузор дар зимни барномаи ҳаҷ аввал барои умра эҳром мебандад ва ҳар дуро дар як мавсим ба ҷо меовард. Аз миқот бо нияти барои умра эҳром мебандад ва вақте вориди Макка шуд, барномаи умра (тавоф ва саъй)-ро анҷом медиҳад ва бо ҳамин ҳалол мегардад, яъне аз эҳром берун меояд. Пас аз ҳалол гаштан ба монанди одамони одӣ ҳар коре, ки дар муддати эҳром барояш мамнӯъ буд, ҳама барояш ҳалол мегарданд ва то рӯзи ҳаштум аз тамоми неъматҳо баҳраманд мегардад. Рӯзи ҳаштум аз нав барои ҳаҷ эҳром мебандад ва барномаи ҳачро ба таври пурра анҷом медиҳад. Мутаматтеъ метавонад пеш аз рӯзи тарвия – рӯзи 8-уми зулҳиҷҷа низ эҳром бандад.

Фасли чоҳорум

МОҲҲОИ ҲАҶ

Худованд мефармояд: **«Ҳаҷ моҳҳои маълуме аст».**[1] Яъне ҳаҷ дар моҳҳои маълуме, ки аз ҷониби шаръ муайян гардидаанд, ба ҷо оварда мешавад. Моҳҳо ё мавсиме, ки ҳаҷ дар онҳо ба ҷой оварда мешаванд, аз ду моҳу даҳ рӯз – моҳи шаввол, зулқаъда ва даҳ рӯзи аввали зулҳиҷҷа иборат аст.

Моҳҳои ҳаҷ иборатанд аз:

1. Шаввол, 2. зулқаъда, 3. даҳаи аввали зулҳиҷҷа.

ҲАҶҶИ МАРДУМИ МАККА ВА АТРОФИ ОН

Назди машоихи ҳанафӣ ҳаҷҷи қирон ва таматтӯъ барои мардуми Макка, дохили Ҳарам ва ҳамчунин, мардуми минтақаи Ҳил ҷоиз нест, балки ҳаҷҷи ифрод махсуси онҳост.

ҶИНОЯТҲО

Ҷиноятҳо ду навъанд:

а) Ҷиноятҳои дар эҳром, яъне муртакиб гаштани корҳое, ки дар ҳоли эҳром аз онҳо манъ шудааст. Ба ибораи дигар, вайрон намудани мамнӯоти эҳром. Худованд мефармояд: **«Пас касе дар он моҳҳо ҳаҷро бар худ фарз гардонад, (бояд бидонад, ки) дар ҳаҷ рафас (наздикӣ бо занон), фусуқ (бадкорагӣ) ва ҷидол (ҷангу ситеза) вуҷуд надорад».**[2] Яъне тамоми ин корҳо дар ҷараёни баргузории маросими ҳаҷ мамнӯъ мебошанд.

б) Ҷиноятҳои дар афъол ва маносики ҳаҷ ва умра.

ТАФСИЛИ ҶИНОЯТҲОИ ДАР ЭҲРОМ ВА ҶАЗОИ ОН

Ҳар гоҳ муҳрим муртакиби яке аз мамнӯоти зерин гардад, бар вай дам (хун) воҷиб мешавад, яъне бояд як гӯсфанд бикушад:

1. Узви комиле аз аъзои бадани худро хушбӯ созад. Дар хушбӯ кардани камтар аз узви комил хуне бар вай воҷиб намешавад, вале садақа мепардозад.

2. Як рӯзи пурра либоси дӯхташуда бар тан кунад ва дар камтар аз як рӯзи пурра садақа лозим мешавад.

3. Як рӯзи пурра сари худро бипӯшад ва дар камтар аз он садақа лозим аст.

4. Аз чор як ҳиссаи сари худ ва ё мӯйҳои баданашро битарошад. Дар камтар аз ин миқдори муайян садақа мепардозад.

5. Нохунҳои дастҳо ва пойҳояш пурра ва ё як даст ва ё як пояшро пурра ва дар як вақт бигирад. Бо гуногунии вақтҳо ҷазо низ гуногун мегардад, яъне бар вай дигар хун воҷиб намегардад, балки онро бо садақае ҷуброн менамояд.

6. Ғийбат (ғаибат) намудан, суханчинӣ, дурӯғгӯй ва дигар хислатҳои пасти инсонӣ низ ҳамин ҳукмро доранд. Ҳаҷҷи одамоне, ки гирифтори чунин разоиле мебошанд, танҳо дар зоҳир адо меёбад, вале дар ҳақиқат ҳеҷ савоб ва натиҷаи неке насиби онҳо намегардад. Гуноҳи ин аъмоли онҳоро ҳеҷ пардохти молие наметавонад ҷуброн намояд. Онҳо бояд дар пешгоҳи Худованд барои омурзиш ва ислоҳи он норасоиҳои хеш истиғфор, пушаймонӣ ва тавба намоянд.

БАЁНИ ҶИНОЯТҲО ДАР АЪМОЛ ВА МАНОСИКИ ҲАҶ ВА ҶАЗОИ ОН

Бо содир кардани ҷиноятҳои зерин дар ҷараёни баргузории маросими ҳаҷ бар шахси ҳаҷ-

[1] Сураи Бақара, 2: 197.
[2] Сураи Бақара, 2: 197.

гузор хун воҷиб мегардад, яъне бояд як гӯсфанд бикушад:

1. Тавофи қудум ё тавофи садрро дар ҳоли ҷанобат анҷом диҳад.

Зане, ки дар ҳоли ҳайз ё нифос ба тавофи қудум ва ё тавофи садр бипардозад, низ ҳамин ҳукмро дорад, вале агар ин ду тавофро бетаҳорат адо намояд, садақа мепардозад.

2. Тавофи зиёратро бевузӯ ба ҷо оварад.

3. Ҳар гоҳ пеш аз ғуруб Арафотро тарк карда ва қабл аз ғуруби офтоб ба он барнагардад.

4. Истодан (вуқуф) дар Муздалифаро баъд аз тулӯи субҳ бе узр тарк намояд.

5. Саъйи миёни Сафо ва Марваро бе узр тарк кунад.

6. Рамй (партофтан)-и ҷамаротро дар тамоми рӯзҳо ё рамйи Ҷамраи Ақабаро дар рӯзи ид ё рамйи аксари сангрезаҳоро дар яке аз рӯзҳои сангпартоӣ тарк намояд. Дар ғайри ин сурат, садақа мепардозад.

7. Тавофи видоъро комилан ва ё аксари даврҳо, яъне чор даври онро тарк намояд, вале агар се даври тавофро тарк намояд, бар вай садақа лозим мешавад.

8. Се давр аз тавофи зиёрат ва ё камтар аз онро тарк кунад.

Дар тамоми ин ҳолатҳо хун воҷиб мегардад. Вале агар баргардад ва чизе аз он амалҳоро дар вақтҳои муайянашон дарёбад, ҷазояш соқит мешавад. Шоёни зикр аст, ки агар чизе аз ин воҷиботро бо узр тарк намояд, мас., вуқуфи дар Муздалифаро ба сабаби беморӣ, заъф ва ё издиҳоми шадид ва ё тавофи видоъро ба сабаби ҳайз, нифос ва ё бемории дигаре тарк намояд, бар вай хуне воҷиб намегардад.[1]

Дар сурати тарк намудани яке аз ҷамраҳои сегона дар як рӯзи сангпартоӣ ва ё се давр аз тавофи видоъ садақа воҷиб мешавад.

Дар мавридҳои зерин низ:

а) Агар бе узр тавоф ва ё саъйро савор бар тахти равон анҷом диҳад…; **б)** агар дар ҳолати тавоф аз чаҳор як ҳиссаи авраташ бараҳна гардад…; **в)** агар тавофро на аз рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад, балки аз дигар ҷо шурӯъ намояд…; **г)** агар дар тавоф аз мобайни Ҳатим гузарад… …ва тавофашро пас аз ислоҳи норасоиҳои номбурда аз сар анҷом надиҳад, бар вай хун воҷиб мегардад. Вале, агар аз сар тавоф намояд, чизе бар вай воҷиб намешавад.

Дар ҳар ҷое, ки бо содир намудани ҷинояте бар шахси ҳаҷгузор хун воҷиб мегардад, манзур аз он забҳи як гӯсфанд аст ва дар ҷое садақа воҷиб гардад, манзур садақае ба андозаи садақаи Фитр аст.

МАСЪАЛАҲОИ ГУНОГУН

1. Касе дар ҳоли ҷанобат ё ҳайзу нифос тавофи зиёрат намояд, бар вай хун – забҳи як шутур воҷиб мегардад.

2. Агар бо аврати кушода, тавофи зиёрат намояд, модоме ки дар Макка бошад, бояд дубора тавофро иъода намояд ва агар онро дубора ба ҷо наоварад, бар гарданаш хун воҷиб мешавад ва бояд як гӯсфанд забҳ намояд.

3. Агар пеш аз истодан дар Арафот бо ҳамсараш ҳамбистарӣ намояд, ҳаҷҷаш фосид мегардад, бояд як гӯсфанд кушта, маносикашро идома диҳад ва лозим аст, ки дар соли оянда қазои ҳаҷҷи худро ба ҷо оварад.

4. Агар баъд аз истодан (вуқуф) дар Арафот ва пеш аз тавофи зиёрат ва ё қабл аз он ки сари худро битарошад, бо ҳамсараш ҳамбистарӣ (алоқаи ҷинсӣ) намояд, ҳаҷҷаш фосид намешавад, балки бар вай куштани як шутур воҷиб мегардад.

5. Агар баъд аз тарошидани сар ва пеш аз тавофи зиёрат ва ё баъд аз тавофи зиёрат ва пеш аз тарошидани сараш муқорабат (ҳамбистарӣ) намояд, бар вай хуне воҷиб мегардад, бояд як гӯсфанд забҳ намояд.

6. Касе эҳроми умра баста ва пеш аз он ки чаҳор даври тавофро ба ҷо оварад, бо ҳамсараш наздикӣ намояд, умрааш фосид мегардад. Бояд қазои онро ба ҷой оварад ва як гӯсфанд забҳ намояд.

7. Аҳкоме, ки дар бораи муқорабат ва ҳамбистарӣ зикр гардид, хоҳ он аз рӯи қасд сурат гирифта бошад, хоҳ аз рӯи фаромӯшӣ, баробар мебошад.

8. Касе, ки ҳаҷҷаш фосид шуда ва қазои онро ба ҷо меоварад, дар сафаре, ки ба мақсади он азм намудааст, лозим нест занашро аз худ дур нигоҳ дорад. Яъне ҳамроҳ бо худ бурда-

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 204, 205; Ҳусайн ибни Муҳаммадсаъид ибни Абдулғанӣ. Ҳошияи Иршоду-с-сорӣ ило маносики Мулло Алиқорӣ. С. 508.

ни ҳамсараш мамнӯияте надорад, вале набояд бо вай пеш аз анҷоми маносики ҳаҷ ва ҳалол гаштан наздикӣ намояд.

9. Садақае, ки дар баъзе мавридҳо бояд бипардозад, ба монанди садақаи Фитр аст, ки зикри он дар боби аҳкоми рӯза гузашт.

ТАФСИЛИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ БА ШАХСИ ҲАҶГУЗОР ТААЛЛУҚ ДОРАНД

1. Пӯшидани либоси дӯхташуда[1]

- Муҳриме либоси дӯхташудаеро пӯшад, бар вай ҷазо ва пардохти молӣ воҷиб мегардад. Дар ин ҷо фарқ надорад, ки онро қасдан ё аз рӯи фаромӯшӣ ва нафаҳмида, маҷбуран ё ба ихтиёри худ, бо узре ва ё бе ҳеҷ узре пӯшида бошад.

- Дар пӯшидани либоси дӯхташуда муддати пӯшидани он мавриди назар ва эътибор қарор мегирад. Агар онро ба муддати як рӯз ва ё як шаб, яъне дувоздаҳ соат бипӯшад, бар вай хун воҷиб мегардад, яъне бар вай воҷиб аст, ки як гӯсфанд дар Ҳарам забҳ намояд.[2] Вале агар камтар аз муддати як шаб ё як рӯз ва бештар аз соате либосро бипӯшад, бар вай садақае, ба андозаи садақаи фитр, воҷиб мегардад. Агар камтар аз соате онро пӯшад, бояд як мушт гандум садақа намояд.

- Агар либоси дӯхташударо чандин шабу рӯз бипӯшад ва ё чанд либосро якҷоя дар як рӯз бипӯшад, барои ҳамааш як хун кифоят мекунад.

- Агар либоси дӯхташудаеро на ба сурати маъмулӣ бипӯшад, балки худро ба он бипечад ва ё худро ба чодаре, ки гӯшаҳо ва ё мобайнаш дӯхта шудааст, бипечад, дар ин суратҳо чизе бар вай воҷиб намегардад. Зеро дар сурати аввал пӯшидан ба маънои ҳақиқиаш сурат нагирифтааст ва дар сурати дуюм чодар аслан барои пӯшидан дӯхта нашудааст.

- Пӯшидани масҳӣ, ҷӯроб ва навъҳои дигари пойафзорҳо, ба шарте пайванди пошнаи пойро бипӯшонанд, ҳамин ҳукмро дорад. Агар ба андозаи як рӯз ва ё як шаб пӯшида шаванд, хун воҷиб мегардад ва дар камтар аз он садақа воҷиб мешавад.[3]

2. Пӯшидани сару рӯй

- Агар муҳриме тамоми сари худро ё тамоми рӯяшро ва ё аз чаҳор як ҳиссаи онҳоро бо чизе бипӯшонад ё зани муҳримае рӯяшро ё аз чаҳор як ҳиссаи онро бипӯшонад ва онро то муддати як шаб ё як рӯз пӯшида нигоҳ дорад, бар онҳо хун воҷиб мегардад. Вале агар камтар аз муддати як шаб ё як рӯз ё камтар аз миқдори чаҳоряки онро бипӯшонад, дар ин ҳолатҳо бар онҳо садақа воҷиб мегардад. Манзур аз пӯшидани сару рӯй пӯшидани онҳо бо чизҳое мебошад, ки дар урф сару рӯйро бо онҳо мепӯшонанд, ба монанди кулоҳ, дастор, чодар, дастмол, рӯсарӣ ва ғ.-и инҳо.

- Пӯшонидани гӯшҳо, пушти гардан, зери манаҳ ва дигар мавзеъҳое, ки аз сар ба шумор намераванд, боке надорад.

3. Хушбӯии либос ва бадан

- Шахси муҳрим агар як узви комили баданашро ё бештар аз онро хушбӯӣ бизанад, бар вай хун воҷиб мегардад ва дар камтар аз як узв садақа воҷиб мегардад. Узвҳои бадан, ба монанди сар, рӯй, соқи пой, рон, дасту бозу ва ғ. мебошанд. Ин дар сурате аст, ки хушбӯӣ кам бошад, вале агар хушбӯӣ зиёд бошад, дар камтар аз як узв ҳам хун воҷиб мешавад.[4]

---

[1] Манзур аз либоси дӯхташуда либосест, ки аслан барои пӯшидан дӯхта, бофта ва ё сохта мешавад, ба монанди курта, изор, масҳӣ, кулоҳ ва дигар навъҳои либос.

[2] Хун – дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои забҳи чорвоест, ки бар ҳаҷгузор ва умракунанда барои содир намудани ҷиноят дар мамнӯоти эҳром ва ё бо тарк ва ё вайрон кардани чизе аз аъмол ва маносики воҷибаи ҳаҷ ва умра воҷиб мегардад ва онро дам мегӯянд, ба ин маъно ки барои ҷуброни нақси бавуҷудомада хуне бар вай воҷиб мегардад.

Дар ҳар ҷое аз ҷиноятҳои эҳром ё ҷиноят дар аъмол ва маносики ҳаҷ ва умра, ки калимаи хун ба кор бурда шуда, забҳи як гӯсфанди яксола дар назар аст, ба ҷуз ду маврид – ҷинояти ҳамхобагӣ бо ҳамсар пас аз вуқуф дар Арафот ва дар тавофи ифоза кардани зани ҳоиз, ки дар ҳар ду ҳолат бар онҳо забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мешавад.

Аз назари ҷумҳури фақеҳон хӯрдани шахси ҷиноятқарда аз гӯшти забиҳаи каффоратҳо ва ҷуброни ҷинояташ ҷоиз нест, бар хилофи ҳадйи таматтуъ ва қирон, ки хӯрданаш аз он мустаҳаб аст.

[3] Дар ҳар ҷое аз ҷиноятҳои эҳром, ки калимаи «садақа» истифода шавад, манзур ним соъ гандум, ё як соъ ҷав, хурмо ва кишмиш ва ё қимати яке аз онҳо мебошад. Як соъ ба се килову шашсад грамм баробар мебошад. Ним соъ аз ду кило камтар аст.

[4] Барои донистани кам ё зиёд будани ҳаҷми хушбӯӣ дар истифода аз сӯи фақеҳон андоза ва меъёри мушахасе муайян нашудааст ва шояд он ба навъи хушбӯӣ ва

- Агар узвҳои хурди баданашро, ба монанди гӯш, бинӣ, чашм ва ангушт хушбӯй занад, ҳукми онҳо низ дар воҷиб гардидани хун ва ё садақа монанди истеъмоли хушбӯии кам дар узви бузург аст. Агар тамоми баданашро дар як вақт хушбӯй занад, як ҷазо бар вай воҷиб мегардад ва як хун барои ҳамааш кифоя мебошад. Агар зане дар аснои эҳром ба дасташ ҳино бандад, бар вай низ хун воҷиб мегардад.

- Дар воҷиб гардидани ҷуброн ва каффорати хушбӯии бадан давом ёфтани муддати замон шарт нест. Агар пас аз истеъмоли хушбӯй дарҳол онро бишӯяд ҳам, ба тартиби мазкур хун ва ё садақа бар вай воҷиб мегардад.

- Бар хилофи пӯшидани либоси дӯхташуда ва хушбӯй задан бар либос. Дар он муддати пӯшидани либос ва задани хушбӯй эътибор дорад. Агар муҳриме либоси эҳромашро хушбӯй занад ва ҷои он зиёдтар аз як вақаб дар як вақаб бошад ва ба муддати як рӯз ва ё як шаби комил онро пӯшида боқӣ монад, бар вай хун воҷиб мегардад. Агар ҷои он зиёд набуда, балки як вақаб дар як вақаб бошад ва ба муддати як рӯз ва ё як шаб онро бипӯшад, бар вай садақа лозим мешавад ва агар аз он ҳам камтар бошад, як мушт гандум ва ё чизи дигаре садақа менамояд. Ин, албатта, дар суратест, ки миқдори хушбӯй кам бошад. Агар хушбӯй зиёд бошад, дар камтар аз як вақаби либос ҳам хун воҷиб мегардад.

- Истеъмоли равғане, ки дар таркибаш хушбӯй дошта бошад, низ ҳамин ҳукмро дорад.

4. Гирифтани нохунҳо

- Агар муҳрим панҷ нохунашро дар як вақт бигирад, яъне нохунҳои як узвашро, ба монанди як даст ва ё як пояшро комилан бигирад ва ё панҷ нохунро аз чанд узваш, мас., ду нохун аз як даст, ду нохун аз дасти дигараш ва як нохун аз пояш бигирад, бар вай хун воҷиб мегардад. Агар нохунҳои ҳар ду даст ва ҳар ду пояшро низ дар як вақт бигирад, барои ҳамааш як хун воҷиб мегардад ва дар вақтҳои гуногун ҷазо ба андозаи ҷиноят собит мешавад. Вале агар камтар аз панҷ нохунро дар як вақт бигирад, барои ҳар нохун бар вай садақа воҷиб мегардад.

урфи атторон бастагӣ дошта бошад.

5. Тарошидан ва чидани мӯй

- Шахси муҳрим агар мӯи сар ва риш ва ё аз чаҳор як ҳиссаи онро битарошад ва ё мӯи зери бағал ва зери нофашро битарошад ва ё бичинад, бар вай хун воҷиб мегардад. Дар камтар аз ин миқдор садақа воҷиб мешавад. Кӯтоҳ кардан, чидан, кандан ва ба воситаи дорухои зоилкунанда дур намудани мӯй низ ҳукми тарошидани онро доранд.

- Агар ҷои ҳиҷомат (хунгирӣ)-ро аз пушти сараш тарошад, аз назари Абуҳанифа (рҳ) хун ва аз назари имомайн (Абуюсуф ва Муҳаммад) (рҳ) садақа воҷиб мешавад. Зан низ дар ин мавридҳо мисли мард аст.

6. Омезиш бо зан ва ангезаҳои он

Инҳо ба се даста ҷудо мешаванд:

а) Шахси муҳрим агар пеш аз вуқуф дар Арафот бо занаш ҳамхобагӣ намояд, ҳаҷҷаш фосид ва як хун бар гарданаш воҷиб мегардад. Пас аъмол ва маносики боқимондаи ҳаҷро ба монанди дигарон бояд ба ҷо оварад, вале дар соли оянда қазои ҳаҷҷашро низ ба ҷо меовард.

б) Агар баъд аз вуқуф дар Арафот ва пеш аз тарошидани сараш ва тавофи зиёрат бо занаш ҳамбистар шавад, ҳаҷҷаш фосид намешавад, вале бар гарданаш забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мегардад.

в) Агар баъд аз тарошидани сар ва пеш аз тавофи зиёрат (фарзӣ) ва ё баъд аз тавофи зиёрат ва пеш аз тарошидани сараш ҳамбистар шавад, дар ин сурат бар вай як хун воҷиб мегардад.

- Агар бо занаш ҳамбистар нашавад, вале ангезаҳо ва муқаддамоти онро, аз қабили бӯсу канор ва ламси бошаҳват ва ё мубошират фоҳиш[1] ва омезиши зиёдро анҷом диҳад, бар гарданаш хун воҷиб мегардад, хоҳ инзол гардад ё нагардад.

- Агар шахси муҳрим пеш аз тавофи умра ё пеш аз чаҳор даври он бо ҳамсараш наздикӣ намояд, умрааш фосид гашта, як хун бар гарданаш воҷиб мегардад. Аъмоли боқимондаи онро ба поён мерасонад ва пас аз рӯзҳои ҳаҷ – пас аз айёми ташриқ қазои умраи фосидна-

[1] Мубошират фоҳиш – омезиши бисёр наздики зану шавҳарро дар назар дорад. Яъне онҳо бараҳна бо ҳам наздик шаванд ва узвҳои таносулашон бо ҳам бирасад, вале алоқаи ҷинсӣ сурат нагирад.

мудаашро низ ба ҷо меоварад. Агар пас аз чор даври тавоф он кор аз вай содир шавад, умрааш фосид намешавад, вале як хун бар гарданаш воҷиб мегардад.

Дар тамоми ҷиноятҳои ёдшуда, ки ҷиноятҳои дар эҳром мебошанд, сатҳи ҷазо ва пардохтҳои ҷубронкунандаи онҳо барои умракунанда, ҳаҷгузори муфрид ва мутаматтеъ як ҳукм доранд. Аммо бар ҳаҷгузори қорин дар ҳар ҷинояте аз мамнӯоти эҳром ду ҷазо воҷиб мегардад. Зеро вай ду ибодати мустақилро дар як эҳром ва дар зимни як барномаи ибодатӣ ҷой додааст. Пас дар ҳар ҷое, ки дар он як садақа воҷиб мегардид, ду садақа, дар ҷое, ки як гӯсфанд воҷиб мегардид, ду гӯсфанд ва дар ҷое, ки як шутур ва ё як гов воҷиб мегашт, як шутур ва як гӯсфанд ё як гов ва як гӯсфанд воҷиб мегардад. Ин ҳолат ба ҷинояте тааллуқ дорад, ки ҳаҷгузори қорин дар мамнӯоти эҳром содир намояд, аммо дар ҷиноятҳое, ки дар аъмол ва маносики ҳаҷ содир мешаванд, бар қорин низ ҳамон як ҷазо тааллуқ мегирад.

Ҳамчуноне, ки дидем, ҷиноятҳо табақабандӣ ва ба қисмҳо ҷудо гардидаанд. Сатҳи ҷиноӣ, ҷазо ва миқдори пардохтҳои ҷубронкунандаи онҳо низ мувофиқ ба дараҷа ва қисми ҷиноят пешбинӣ ва муқаррар гардидаанд. Ба таври хулоса онҳо навъҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) Ҷиноятҳо ва хилофварзиҳое, ки ба ҷуз тавбаву истиғфор ва пушаймонӣ дар пешгоҳи Худованд дигар ҳеҷ чизе наметавонад онҳоро ҷуброн ва ислоҳ намояд.

б) Ҷинояте, ки бо ҳеҷ чизе ҷубронпазир намебошад, ҳаҷро фосид мегардонад ва бояд қазо дошта шавад, бо вуҷуди он ки бар содиркунандааш хун воҷиб мегардад. Он дар ин бахши ҷиноятҳо танҳо як маврид дорад: Омезиш (ҳамхобагӣ) бо зан пеш аз вуқуфи дар Арафот.

в) Ҷинояте, ки дар сатҳи болои ҷиноӣ қарор дорад ва бо содир намудани он забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мегардад: Ин низ як маврид дорад; Омезиш (ҳамхобагӣ) бо зан баъд аз вуқуф дар Арафот.

г) Ҷиноятҳо ва хилофварзиҳое, ки дар миқдори муайяни он хун воҷиб мегардад. Он миқдор охирин сатҳи онҳо ба шумор меравад.

ғ) Айни ҳамон ҷиноятҳо, вале бо дар сатҳи миёна анҷом додани он садақае ба андозаи садақаи фитр воҷиб мегардад.

д) Айни ҳамон ҷиноятҳо, вале дар поёнтарин сатҳи он. Дар ин сурат ҳар чи бихоҳад ва ё як мушт гандум садақа менамояд.

е) Ҷиноятҳое, ки ҳаҷми онҳо тавассути ду одами одил ва аҳли таҷриба муайян гардида, қиматгузорӣ мешаванд. Ин ба Ҳарам марбут аст, ки аз зикри намунаҳо ва мавридҳои он сарфи назар намудем.

ҲУКМИ МАЪЗУР

Агар шахсе ба хотири узре либоси дӯхташуда бипӯшад, ё хушбӯӣ бимолад, ё сару рӯи худро бипӯшонад, ё мӯи худро битарошад ва ё нохунҳояшро бигирад, дар анҷоми чунин корҳо гуноҳе бар вай нест, вале бояд барои баҳрамандӣ аз ин рухсати шаръӣ яке аз корҳои зеринро ба ҷо оварад: ё гӯсфанде забҳ намояд ва ё се соъ гандум ё шаш соъ ҷав, мева ё хурмо барои шаш мискин садақа намояд ва ё ба ҷои он се рӯз рӯза бигирад. Худованд мефармояд:

فَمَن كَانَ مِنكُم مَّرِيضًا أَوْ بِهِۦٓ أَذًى مِّن رَّأْسِهِۦ فَفِدْيَةٌ مِّن صِيَامٍ أَوْ صَدَقَةٍ أَوْ نُسُكٍ

«Ва касе аз шумо бемор бошад ва ё ба ӯ аз (ҷониби) сараш озор (ва нороҳати)-е расида бошад, пас (худашро бо доруҳо табобат намояд ва сарашро битарошад) ва ба ҷои он фидяе аз рӯза ё садақа ва ё забҳи гӯсфанд бипардозад».[1]

ВАЙРОН НАМУДАНИ ТАРТИБ

– Тартиб дар миёни он аъмоли ҳаҷ, ки дар рӯзи ид анҷом дода мешаванд, воҷиб аст. Ҳаҷгузо-

[1] Сураи Бақара, 2: 196. Аз Каъб ибни Уҷра (рз) ривоят шудааст, ки *«Ин оят хос дар бораи ман нозил шудааст ва барои ҳамаатон ом аст. Ба назди расули Худо (с) бурда шудам, дар ҳоле ки шупуш бар (сару) рӯям мерехт. Гуфт:* ***Ман фикр намекардам, ки (дард ва) сахтӣ туро ба ин ҳол оварда бошад. Оё гӯсфанде меёбӣ?*** *Гуфтам: Не. Фармуд:* ***(Набошад), се рӯз рӯза бигир ё шаш мискинро ним соъ таом бидеҳ ва саратро битарош»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 1814, 1815, 1816, 1817; Саҳеҳи Муслим, 2869 (1201)-85; Сунани Абудовуд, 1856, 1857; Сунани Тирмизӣ, 953, 2973, 2974; Сунани Насоӣ, 2851).

ри муфрид бояд дар миёни партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба ва тарошидани сараш тартибро риоя намояд. Ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ бояд дар миёни: **а)** партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба, **б)** забҳ ва **в)** ҳалқ (тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сараш) тартибро риоя намояд.[1] Ин тартибро ба ҳар шакле вайрон кунад, бар вай хун воҷиб мешавад.

Назди имомайн риояи тартиб дар байни ин воҷиботи рӯзи ид суннат мебошад ва бо тарки он хуне воҷиб намегардад.[2]

– Аммо дар миёни сартарошӣ ва тавофи фарзӣ[3] ҳеҷ гуна тартибе вуҷуд надорад. Агар пеш аз тавофи фарзӣ сарашро тарошад, нимаҳалол ва ё ҳалоли аввал мегардад, вале агар онро пас аз тавофи фарзӣ анҷом диҳад, комилан ҳалол мегардад ва дигар ду таҳаллул вуҷуд надорад.

Бо дархости Бонки исломии рушд уламои фиқҳи исломӣ пас аз солҳои 80-ум дар шаҳри Ҷадда нишасте доир намуда, мушкилоти нигаҳдории гӯшти қурбониҳои забҳшуда ва ҳамин тавр масъалаи забҳи саривақтии қурбониҳои мардуми ҳаҷгузорро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аҳамияти масъалаи забҳи саривақтии қурбониҳо дар он буд, ки риояи тартиб дар байни амалҳои воҷиб – рамӣ, забҳ ва ҳалқ дар рӯзи ид дар мазҳаби ҳанафӣ воҷиб аст ва бо вайрон шудани он бар шахси ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ хуни дигаре бор мешавад. Пас аз ҳалли он ҳоҷиёни ҳанафимазҳаб бо хотири ҷамъ ва итминони динӣ ба тарошидани сари худ иқдом менамоянд. Уламо пас аз шунидани назари коршиносони соҳа ба хулосае омаданд, ки ширкати машғули ин кор имкони аз ин сареъстари забҳи қурбониҳо ва ба иттилои ҳар гурӯҳи ҳоҷиёни ҳанафӣ расонидани вақти онро надорад ва дар ин маврид беҳтар аст ба қавли имомайн амал намоянд, ки дар он сурат дигар ҳеҷ гуна ҳараҷи шаръие барояшон пеш намеояд.[4]

ТАЪХИРИ БАЪЗЕ АЗ ВОҶИБОТ

Ба таъхир андохтани баъзе аз воҷибот ба тарк гардидани онҳо меанҷомад ва ба тарки воҷиб хун лозим мегардад. Бо ба таъхир андохтани баъзе аз онҳо ҳам хун воҷиб мегардад ва ҳам худи онҳо соқит намешаванд. Яъне пас аз гузаштани вақташон низ бояд ба ҷо оварда шаванд.

а) Агар ҳаҷгузори қорин ва ё мутаматтеъ забҳи қурбонии худро аз се рӯзи ид ба таъхир андозад, боз як хуни дигар бар вай воҷиб мегардад.

б) Агар тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сарашро аз се рӯзи ид ба таъхир андозад ё онро дар хориҷи Ҳарам анҷом диҳад, бар вай низ хун воҷиб мегардад. Дар сурати таъхир то мӯи сарашро натарошад ва ё кӯтоҳ нанамояд, аз эҳром ҳалол намегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳаҷ ҳар амал вақти муайяни худро дорад. Пеш аз вақт анҷом додани ҳар амале аз аъмоли ҳаҷ он амалро аз эътибор соқит месозад. Бояд онро аз сар дар вақти худаш ба ҷо оварад. Агар онро дар вақти худаш ба ҷой наовард ва он фавт гардид, ҳаҷҷаш ба андозаи ҷойгоҳи ҳукмии он амал фавт, халалдор ва ё ноқис мегардад.

Мас., агар партоби сангҳоро дар рӯзҳои 11 ва 12-ум пеш аз завол ба ҷой оварад, он сангзании ӯ эътиборе надорад. Бояд баъд аз завол аз сар

---

[1] Халқ ба маънои тарошидани мӯи сар ва қаср кӯтоҳ кардани он аст. Ҳалқ ва қаср охирин маносик дар барномаи ҳаҷ ва умра ва амали хотимавӣ аст. Пас аз анҷоми умра ва ҳаҷ шахси муҳрим бояд яке аз ин ду корро барои ҳалол гаштан ва хориҷ шудан аз эҳром анҷом диҳад.

Назди машоихи ҳанафӣ ҳалқ ва қаср бо тарошидан ё кӯтоҳ кардани чаҳоряки сар дуруст мегардад ва назди имом Шофеъӣ (рҳ) бо гирифтани чанд тори мӯй саҳеҳ мешавад, вале тарошидан ё кӯтоҳ кардани тамоми сар афзал ва маснун аст.

[2] Дар ҳадисе аз Абдуллоҳ ибни Амр (рз) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) дар аснои ҳаҷҷатулвадоъ дар Мино барои посух ба саволҳои мардум истод. Марде омад ва пурсид: Нофаҳмида пеш аз забҳ сарамро тарошидам?. Фармуд: Забҳ кун, ҳеҷ боке надорад. Марди дигаре омад ва гуфт: Нофаҳмида пеш аз рамйи ҷимор қурбонӣ кардам? Фармуд: Рамӣ кун, ҳеҷ боке надорад. Паёмбар (с) аз ҳеҷ чизе, ки тақдим ва ё таъхир шуда буд, пурсида нашуд, магар ба ҳамааш гуфт: Бикун, ҳеҷ боке надорад»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 83, 124, 1736, 1737. Саҳеҳи Муслим, 3143, (1306)-327, 328, 329).

Вале чӣ тавре дидем, он ҳазрат (с) дар суннати амалиаш тартибро дар байни онҳо риоя кардааст. Пас риояи тартиб дар байни аъмоли рӯзи ид дар назди Имомайн бар ҳамин асос суннат мебошад, на воҷиб.

[3] Дар истилоҳи фиқҳӣ ба тавофи фарзӣ тавофи зиёрат ва тавофи рукн низ мегӯянд. Пас аз бозгашти ҳоҷиён аз Арафот ба Муздалифа ва пагоҳи рӯзи ид аз он ҷо ба Мино ва Ҷамарот вақти рукни сеюми ҳаҷ – тавофи фарзӣ шурӯъ мешавад ва онро бо назардошти маънои боло «тавофи ифоза», яъне тавофи пас аз бозгашт низ номидаанд.

[4] Муфтӣ Абдуллоҳ, Масоили занон. – Ҷ. 1. – С. 482.

рамйи ҷимор намояд. Дар ривояти машҳур аз Абуҳанифа (рҳ) рамйи ҷимор (сангпартоӣ) дар рӯзҳои дуюм ва сеюми ид, яъне дувоздаҳум ва сездаҳум пеш аз завол ҷоиз нест, зеро вақти он баъди завол аст. Дар ҳадисе, ки онро Ҷобир (рз) ривоят мекунад, низ омадааст: ***«Паёмбар (с) рӯзи наҳр рамйи ҷимор ва қурбонӣ кард ва дар бақияи рӯзҳо баъди завол рамӣ намуд»***.[1]

Дар ривояте аз Абуҳанифа (рҳ) омадааст, ки агар дар рӯзҳои дуюм ва сеюм пеш аз завол рамӣ намояд, ҷоиз мебошад, вале афзал баъди завол аст. Зеро ҳангоме пеш аз завол дар рӯзи наҳр (ид) вақти рамӣ аст, дар ду рӯзи дигар низ метавонад вақти рамӣ бошад.[2]

Агар пас аз заволи рӯзи 11-ум то дамидани субҳи рӯзи 12-ум рамйи ҷимор накард ва ё агар пеш аз завол партофта бошад, онро аз сар ба ҷой наовард, бар гарданаш хун воҷиб мегардад, ҳамон гуна, ки бо тарки партоби аксари сангрезаҳои як рӯз низ хун воҷиб мегардид. Дар рӯзи 12-ум низ бояд ҳамин аслро риоя намояд. Рамйи ҷимори ҳар рӯз бахши ҷудогона мебошад, ки дар рӯзи баъдӣ онро тадорук дида намешавад.[3]

ҶИНОЯТҲО ДАР УМРА

Дар умра ҳукми тамоми ҷиноятҳое, ки ба мамнӯоти эҳром тааллуқ доранд, мисли ҳукми ҷиноятҳое мебошад, ки дар эҳроми ҳаҷ содир мешаванд. Аммо ҷиноятҳое, ки дар аъмоли умра содир мешаванд, аҳком ва навъҳои ҷазои хосси худро доранд. Агар шахси умракунанда яке аз корҳои зеринро анҷом диҳад:

1. Эҳромро аз миқотгоҳ ба таъхир андозад…

2. бе вузӯ ё дар ҳоли ҷанобат ва ё зан дар ҳолати ҳайзу нифос ба тавофи умра пардозад…

3. пеш аз саъй сарашро битарошад ва ё мӯяшро кӯтоҳ намояд…

4. сарашро дар хориҷи Ҳарам битарошад… дар ҳар яке аз ин мавридҳо бар гарданаш хун воҷиб мегардад.

Дар мавриди дуюм ҷанобат, бевузӯгӣ ва ҳайзу нифос як ҳукм доранд ва каму зиёдии амал низ эътиборе надорад. Агар як даври тавофро ҳам дар ҳолатҳои номбурда ба ҷо оварад, ҳамон ҷазо – хун воҷиб мешавад.

ИСТИФОДАИ СОЯБОН (ЧАТР)

Шахси муҳрим метавонад аз соябон истифода намояд, дар дохили хайма ва сояи он истироҳат кунад. Аз сояи дарахтон, биноҳо, мошину автобус ва дигар ашёи соядор низ дар ҳолати зарурат метавонад баҳра гирад. Инро ба пӯшидани сару рӯй, ки аз мамнӯот ва ҷиноятҳои эҳром мебошад, набояд иштибоҳ кард.

Дар ривояти Ҷобир (рз) омадааст, ки: ***«Вақте расули Худо (с) ба Арафот омад, хаймаи ӯ қаблан дар Намира зада шуда буд…»***.[4] Яъне он ҳазрат (с) барои дамгирӣ аз сояи хайма истифода мекард. Ҳамчунин аз Абдуллоҳ ибни Омир ривоят шудааст, ки: *«Ҳамроҳи Умар (рз) хориҷ шудам. Вай, дар ҳоле ки эҳром баста буд, пӯстеро дар зери дарахт мепартофт ва аз сояи он истифода мекард»*.[5]

Бастани ҳамён ва камарбанде барои ҳифзи пулҳо ва нафақаи худ барои муҳрим, боке надорад, балки баъзан зарур ҳам мебошад. Оиша (рз) дар бораи бастани ҳамён пурсида шуд, фармуд: ***«Дар ҳифзи нафақа (ва пулҳоят) ба ҳар тавре метавонӣ, пухтакорӣ кун»***.[6]

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, боби рамйи ҷимор, муқаддимаи ҳадиси 1746. Саҳеҳи Муслим, боби вақти истиҳбоби рамӣ, 3128 (1299)-314.

[2] Бадоеуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 324.

[3] Ин назари Абуҳанифа (рҳ) мебошад. Дар назди имомайн – Абуюсуф ва Муҳаммад (рҳ) бошад, пас аз заволи рӯзи 12-ум онро ба сурати қазо ба ҷо меоварад ва сангҳои рӯзи 12-умро низ партоб менамояд. Агар рӯзи 12-ум низ рамйи ҷимор накард, рӯзи 13-ум барои ҳар ду рӯзи гузашта рамйи ҷимор менамояд. Агар рӯзи 13-ум низ рамйи ҷимор накард, барои тарки тамоми сангпартоӣ дар зарфи се рӯз бар вай хуне воҷиб мегардад. Ҳамон гуна, ки бо тарки партоби сангҳои як рӯз ва ё аксари сангҳои як рӯз низ хун воҷиб мегардид. Дар назди онҳо (имомайн) партоби сангҳо дар рӯзи ид ва дигар рӯзҳои ташриқ якҷоя як амали (бахши) ҳаҷро ташкил медиҳад.

Агар сангҳои рӯзи наҳрро низ партоб накарда бошад, дар назди имомайн метавонад онҳоро дар рӯзҳои баъдӣ ба таври қазо ба ҷо оварад ва ҳеҷ гуна хуне бар вай воҷиб намегардад. Рӯзи 13-ум бинобар назари Абуҳанифа (рҳ) баъд аз тулӯи офтоб метавонад рамйи ҷимор намояд ва пеш аз завол ба Макка баргардад.

[4] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абудовуд, 1905.

[5] Мусаннафи Ибни Абушайба, 14254. – Ҷ. 3. – С. 285 ва 34485. – Ҷ. 7. – С. 98.

[6] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8968. – Ҷ. 5. – С. 69. Му-

Гиреҳ кардани гӯшаҳои либоси эҳром ва ё бо тукма ва сӯзанаке муҳкам кардани он агар барои ҳифзи сатри аврат ва ҳимояи он аз афтодан бошад, боке надорад.

РАФЗИ ЭҲРОМ

Рафзи эҳром ба маънои тарки идомаи анҷоми маносики ҳаҷ ва ё умра – қатъ кардани он пеш аз ҳалол гаштан аст. Бар хилофи дигар ибодатҳо рафзи эҳром ва нияти тарки идомаи ҳаҷ ва ё умра бо иттифоқи ҷумҳури уламо бекор буда, шахси муҳрим то худро аз эҳром ҳалол насозад, аз он хориҷ намешавад, магар вақте ки дар аснои эҳроми ҳаҷ барои ҳаққи дигар ва ё барои умра ё дар аснои эҳроми умра барои умраи дигар ва ё барои ҳаҷ рӯи ҳам эҳром бандад, дар ин мавридҳо яке аз он эҳромҳоро ба он тафсиле, ки дар китобҳои фиқҳ омадааст, рафз – тарк менамояд. Ҳатто агар ҳаққашро бо иртикоби ҷинояте фосид созад ҳам, барояш ҷоиз нест, ки онро қатъ намояд, балки бояд идомаи онро ба мисли ҳаққи саҳеҳ анҷом диҳад ва тибқи барномаи пешбинишуда барои ин ибодат аз эҳром хориҷ шавад. [1]

саннафи Ибни Абушайба, 15448. – Ҷ. 3. – С. 410. Ба ҳамин маъно Ибни Ҳазм аз Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) бастани ҳамёнро барои муҳрим рухсат додааст. (Муҳалло. – Ҷ. 2. – С. 256). Аз Иброҳими Нахаъӣ ва Саъид ибни Мусайяб низ ин ҳадис ривоят шудааст (Китоби «ал-Осор»-и Абуюсуф, 468-469. – С. 96).

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 713-715; ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. –Ҷ. 2. Зайли моддаи: эҳром.

Фасли панҷум

ШИКОР ДАР ҲОЛИ ЭҲРОМ

Вақте шахси зоири хонаи Худо барои ҳаҷ ё умра эҳром мебандад, хоҳ худи ӯ дар ҳоли эҳром сайдеро бикушад ва ё касеро ба сӯи он раҳнамоӣ намояд ва ӯ сайдро бикушад, дар ҳар ду сурат ҷазояш он аст, ки ду нафар мусулмони одил он сайдро дар ҳамон ҷои кушташуда ва ё дар ҷое, ки ба макони қатл наздик аст, қиматгузорӣ намоянд.

Сипас шахси содиркунандаи ҷиноят ихтиёр дорад: метавонад ба андозаи қимати сайд гӯсфандеро қурбонӣ намояд ё ба ҳамон қимат таом харида, ба мискинҳо садақа диҳад ва ё барои ҳар мискин ним соъ гандум ё як соъ ҷав ва ё хурмо садақа бидиҳад ва ҳамчунин метавонад дар баробари ҳар ним соъи гандум ё як соъи ҷав як рӯз рӯза бигирад. Ва агар дар охир камтар аз ним соъ боқӣ монад, метавонад онро садақа диҳад ва ё дар баробари он як рӯз рӯза бигирад. Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡتُلُواْ ٱلصَّيۡدَ وَأَنتُمۡ حُرُمٞۚ وَمَن قَتَلَهُۥ مِنكُم مُّتَعَمِّدٗا فَجَزَآءٞ مِّثۡلُ مَا قَتَلَ مِنَ ٱلنَّعَمِ يَحۡكُمُ بِهِۦ ذَوَا عَدۡلٖ مِّنكُمۡ هَدۡيَۢا بَٰلِغَ ٱلۡكَعۡبَةِ أَوۡ كَفَّٰرَةٞ طَعَامُ مَسَٰكِينَ أَوۡ عَدۡلُ ذَٰلِكَ صِيَامٗا لِّيَذُوقَ وَبَالَ أَمۡرِهِۦ

«Эй касоне, ки имон овардаед, дар ҳоле ки муҳрим ҳастед, сайдро накушед. Ва касе аз шумо қасдан сайдеро бикушад, пас ҷазое ба мисли сайди куштааш аз чаҳорпоён (медиҳад), ки ду шахси (соҳибтаҷриба ва) соҳибадолате онро (қиматгузорӣ ва) ҳукм мекунанд (ва он) қурбониест, ки (бояд) ба Каъба расанда бошад, ё (ба ҷои он) каффорате (мепардозад), ки таоми (чанд) мискин бошад, ё баробари он рӯза медорад. (Ин ҷазои Худо барои он аст), ки вабол (ва зиёни) корашро бичашад…».[1]

Ҳар гоҳ сайдеро захмӣ намояд ё мӯяшро биканад ва ё узве аз узвҳояшро қатъ кунад, бояд нуқсонеро, ки дар қиматаш ворид намудааст, ҷуброн кунад. Агар боли паррандаеро биканад ё пойҳои сайдро қатъ кунад, ки парранда ва сайд дигар натавонанд парвоз ва фирор намоянд, бояд қимати пурраи парранда ва сайдро бипардозад.

Агар тухмҳои паррандаеро бишиканад, бояд қимати онро бипардозад ва агар малах ва монанди онро бикушад, ҳар чӣ хоҳад, садақа кунад.

Ҳар гоҳ даррандае ба муҳрим ҳамла намояд ва муҳрим онро бикушад, чизе бар вай воҷиб намегардад.

Куштани зоғ, заған (калхот), гург, мор, каждум, муш, кайк, шапуш ва саги девона барои муҳрим ҷоиз аст.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Панҷ ҳайвонест, ки дар куштани онҳо бар муҳрим гуноҳе нест»***.[2] Ҳамчунин мефармояд: ***«Панҷ ҳайвонест, ки бар кушандаи онҳо гуноҳе нест: Зоғ, калхот, муш, каждум ва саги гиранда»***.[3]

Вақте муҳрим сайдеро забҳ кард, хӯрдани он ҳам барои ӯ ва ҳам барои ғайри муҳрим ҷоиз нест, зеро ҳайвони кушташуда дар ҷумлаи мурда ва ё ҳайвоноти худмурда ба шумор меравад.

Барои муҳрим забҳи ҳайвоноте ба монанди гов, гӯсфанд, мурғ, мурғобӣ ва хӯрдани гӯшти

---

[1] Сураи Моида, 5: 95. Дар ояти 96-уми ҳамин сура мефармояд: **«Ва сайди хушкӣ, то вақте муҳрим ҳастед, бар шумо ҳаром гардонида шудааст»**.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1826, 3315; Саҳеҳи Муслим, 2864 (1199)-76.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 1827, 1828, 1829, 3314; Саҳеҳи Муслим, 2859 (1199)-72, 2861 (…)-72, 2862 (…)-77.

онҳо ҳам барои ӯ ва ҳам барои дигарон ҷоиз аст.

Хариду фурӯши сайде, ки ба дасти муҳрим ё ба ишораи ӯ шикор шудааст, ботил аст.

ҲУКМИ ҚОРИН ДАР СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ ДАР МАМНӮОТИ ЭҲРОМ

Агар қорин баъзе аз мамнӯоти эҳромро муртакиб гардад, бар ӯ ду хун воҷиб мешавад, яъне бояд ду гӯсфанд бикушад, яке ба хотири ҳаққаш ва дигаре барои умрааш. Вале агар бе эҳром аз миқот убур намояд ва баъд аз он эҳром бандад, дар он сурат бар ӯ як хун воҷиб мешавад.

Аммо агар дар аъмол ва маносики ҳаҷ ҷиноят ва норасоие содир намояд, бар вай як хун воҷиб мегардад.

БЕ ЭҲРОМ ГУЗАШТАНИ МИҚОТ

Шахси мусулмон ва мукаллафе, ки аз берун омада, мехоҳад ба Маккаи мукаррама дохил шавад, ҳарчанд ба мақсади тиҷорат ва ё саёҳат ҳам бошад, агар аз маҳалли миқоте бе эҳром убур кунад, гунаҳкор мегардад ва бар вай хун (забҳ) лозим мешавад. Баъд аз убур эҳром бастан ё набастани ӯ ҷиноятро рафъ намесозад. Вале агар пеш аз бастани эҳром ва ҳатто пас аз бастани эҳром ва қабл аз оғоз намудани аъмол ва маносики умра ва ё ҳаҷ[1] ба ҳамон миқот ва ё ба наздиктарин миқот баргардад ва аз сар эҳром бандад, гуноҳ ва хун аз гарданаш соқит мешаванд. Аммо агар аз минтақаи Ҳил(л) ва ё Ҳарам эҳром баст ва ба аъмоли умра ва ё ҳаҷ шурӯъ намуд, дигар аз Худо омурзиш бихоҳад ва дар Ҳарам гӯсфандеро забҳ намояд.

- Шахсе аз роҳи баҳрӣ, ҳавоӣ ва ё хушкӣ ба Ҷадда мусофират намояд ва нияти ворид шудан ба Ҳарам ва умраву ҳаҷро надошта бошад, ҳарчанд аз миқоте ҳам убур намояд, гуноҳе надорад ва хуне бар вай воҷиб намегардад. Он шахс пас аз он метавонад бе эҳром ба Макка ва ё Ҳарам дохил шавад. Агар иродаи умра ва ҳаҷ намояд, аз ҳамон Ҷадда ва ё минтақаи Ҳил(л) эҳром мебандад ва чизе ҳам бар вай воҷиб намегардад.[2]

Яъне бе эҳром ворид шудан ба минтақаи Ҳил дар сурате ки шахси воридшаванда нияти анҷом додани умра ва ё ҳаҷ ва дохил шудан ба ҳудуди Ҳарамро надошта бошад, ҳеҷ гуна мамнуияти шаръие надорад. Вақте барои кори худ ба он ҷо расид ва пас аз он иродаи умра ва ё ҳаҷ намуд, дигар ҳамчун сокинони Ҳил аз ҳамон ҷо эҳром мебандад.[3] Зеро чунин шахсе ҳукми сокинони Ҳилро мегирад ва рафтуомади бошандагони Ҳил ба дохили Ҳарам ва Макка дар тамоми вақтҳои сол бе он, ки ҳаҷ ва ё умрае анҷом диҳанд, ҷоиз мебошад. Агар нияти ҳаҷ ва ё умра намоянд, миқоти онҳо ҳамон Ҳил аст.

Дар ин маврид гузаштани миқот бе эҳром ҷоиз аст, зеро ба сӯи хориҷи Ҳарам аз миқот гузаштааст, на ба сӯи Ҳарам. Гузаштани миқот бе эҳром, вақте нодуруст аст, ки ба сӯи Ҳарам ва Макка дохил шавад. Дар «Фиқҳи исломӣ» ду марҳала роҳро ба 89 км баробар донистааст.[4]

Суннатҳо ва мустаҳаббот дар такмил ва зеботи рукнҳо ва воҷибот нақши муҳимме мебозанд ва дар инсиҷом ва муташаккилии қисматҳои гуногуни ибодат пайванд ва иртиботи устуворе ба вуҷуд меоваранд. Бо тарк ва ё нотамом анҷом додани онҳо нақсе дар камол ва костагие дар ҳусни ибодат ба вуҷуд меояд. Бо ин вуҷуд, чӣ тавре дидем, бо тарки онҳо дар ҷараёни баргузории маросими ҳаҷ ҳеҷ гуна ҷазое тааллуқ намегирад.

ҶИНОЯТҲОИ ДАР ҲАРАМ

Ҷиноятҳои дар Ҳарам иборатанд аз:

1. Куштани сайди Ҳарам.[5]

---

[1] Дар сурати бокӣ будани фурсати ҳаҷ.

[2] Шарҳи Қудурӣ. – С. 178.

[3] Рашидаҳмади Гангуҳӣ. Зубдату-л-маносик. – С. 93. Минбаъд: Зубдату-л-маносик.

[4] Эзоҳ. – С. 121. Фиқҳи исломӣ, 3/2130.

[5] **Муздалифа** ар. مُزْدَلِفَة, номи водӣ ва даштест, ки дар миёни саҳрои Арафот ва водии Мино воқеъ шуда ва яке аз мавқифҳои муҳим ва асосии барномаи ҳаҷ мебошад. Ҳоҷиён шомгоҳон аз Арафот ба он ҷо меоянд ва шаби идро то субҳ дар он ҷо ба сар мебаранд. Он гоҳ намозҳои шом ва хуфтанро дар вақти намози хуфтан ба сурати ҷамъи таъхир бо як азон ва як иқома дар он ба ҷой меоваранд. Шабро дар Муздалифа гузаронидан барои ҳоҷиён суннат аст, вале аз дамидани субҳ то пеш аз баромадани офтоби рӯзи ид вуқуф дар он ҷо воҷиб мебошад.

Мино ар. مِنى, номи водӣ ва паҳндаштест, ки пеш аз

2. Буридани дарахт ё гиёҳи Ҳарам.

Ҳар кӣ, чӣ муҳрим, чӣ ғайри муҳрим, сайдеро дар Ҳарам бикушад, ҷазояш он аст, ки бояд баробари қимати онро ба фақирон садақа кунад ва гирифтани рӯза низ дар ин мавриди кифоя мекунад.

Ҳар кӣ дарахт ё гиёҳи Ҳарамро бибурад ва ё биканад, лозим аст баробари қимати онро садақа кунад. Ин дар сурате аст, ки он дарахт ё гиёҳ дар мулкият (ихтиёр)-и касе набошад. Зеро агар мулки касе бошад, бояд ду баробар қимати онро бипардозад, якеро барои садақа ва дигареро барои молики он.

Буридан ё кандани изхир, ки гиёҳи маъруфе аст ва буридани дарахту гиёҳи хушкшуда дар зарурат ҷоиз мебошад ва ҳеҷ ҷазое надорад.

Куштани сайди Ҳарам, вақте соҳиб дошта бошанд, ду ҷазоро бар муҳрим бор месозад, яке барои соҳибаш ва дигаре барои каффорати ҷинояташ.[1]

Муздалифа ва баъди Ҷамарот воқеъ гардида, имрӯзҳо бо хаймашаҳр машҳур аст. Ҳаҷгузорон рӯзи ҳаштум ба он ҷо мераванд, рӯзи ид низ пас аз вуқуфи Муздалифа пеш аз баромадани офтоб ба он ҷо бармегарданд, шабҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум ва баъзеҳо шаби сездаҳумро низ дар он ҷо мегузаронанд ва гузаронидани ин шабҳоро дар он ҷо суннат аст. Бахше аз барномаҳо ва маносики ҳаҷ, аз қабили рамӣ, забҳ ва тарошидани мӯи сар дар он ҷо анҷом дода мешавад. Муздалифа ва Мино дар дохили ҳудуди Ҳарам ҷойгир буда, ҷузъе аз он ба шумор мераванд. Ҳар ҷиноят аз мамнӯоти Ҳарам дар он ҷойҳо содир шавад, ҳукми содир шудан дар қисмати маккии Ҳарамро дорад.

Арафот ар. عَرَفات**,** номи саҳро ва водиест, ки пас аз Муздалифа воқеъ гардидааст. Ҳудуди Ҳарам дар Муздалифа тамом мешавад ва Арафот берун аз ҳудуди он ҷойгир шудааст ва вуқуф (истодан) дар он яке аз се рукни асосии ҳаҷ аст. Касе вуқуфи дар Арафотро рӯзи арафа дарёбад, ҳаҷро дарёфтааст ва касе, ки он рукн аз вай фавт гардад, ҳаҷро дарнаёфтааст. Ҳар амал ва аҳкоме аз маносики ҳаҷ, ки ба Ҳарам тааллуқ дорад ва бояд дар он анҷом дода шавад, агар дар Арафот анҷом дода шавад, ҷоиз намегардад, ба ҷуз вуқуфи фарзӣ, ки он ба Арафот марбут аст. Ҳамин тавр мамнӯоти марбут ба Ҳарам агар дар он ҷо содир шаванд, аз қабили шикори сайди Ҳарам, буридани дарахтони он ва ғ., дигар он ҳукмро надоранд.

Ҳудуди Арафот то батни Урана, Савба ва Намира то Зилмаҷоз мерасад. Худи ин маконҳо аз Арафот ба шумор намераванд. Ҳудуд ва марзҳои Арафот аз тамоми ҷонибҳо бо забони арабӣ ва англисӣ нишонагузорӣ ва муайян шудаанд. Касе дар беруни ҷойҳои аломатгузоришуда, яъне дар маконҳои номбурда вуқуф намояд, вуқуфи вай дуруст намешавад.

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 318; Раддулмуҳтор. – Ҷ. 3. – С. 678.

Фасли шашум

ЭҲСОР

Ҳар гоҳ муҳрим ба сабаби душман ё ба сабаби беморӣ ё вуҷуд надоштани маҳрам ва ё аз байн рафтани нафақа натавонад ба ҳаҷ биравад, метавонад худро ҳалол карда, аз эҳром берун ояд.

Ҳалол гаштан ба ин тариқ аст, ки агар дар ҳудуди Ҳарам бошад, гӯсфандеро забҳ намуда, сипас мӯи сари худро кӯтоҳ менамояд, ё метарошад ва бо ҳамин ҳалол мегардад, яъне аз эҳром хориҷ мешавад. Вале агар ба Ҳарам нарасида бошад, шахсеро вакил (намоянда) гирифта, гӯсфанде ё қимати онро ҳамроҳаш мефиристад, то вай (намояндааш) дар як вақти муайян аз тарафи ӯ дар Ҳарам қурбонӣ намояд ва ҳар гоҳ, ки қурбонӣ дар он вақт сурат гирифт, вай ҳалол мегардад.

Қорин ду гӯсфанд ё баробари қимати онҳоро мефиристад.

Вакил метавонад гӯсфандро ҳатто пеш аз рӯзи ид бикушад.

Агар шахси боздошташуда эҳроми ҳаҷ баста бошад, қазои ҳаҷ ва умра бар вай воҷиб мегардад ва агар эҳроми умра баста бошад, бояш қазои умра воҷиб мешавад ва агар эҳроми ҳаққи қирон баста бошад, як ҳаҷ ва ду умра ва ё як ҳаққи қирон ва як умра бар вай воҷиб мегардад.

Шахси боздошташуда гӯсфанде фиристод, вале баъдан монеа аз сари роҳаш бардошта шуд, дар ин сурат, агар қудрати дарёфти гӯсфанд ва ҳаҷ ҳар дуро дошта бошад, набояд аз эҳром худро ҳалол кунад, балки лозим аст ба ҳаҷ биравад. Вале агар тавони дастёбӣ танҳо ба гӯсфандро дошта ва ба дарёфти ҳаҷ қодир набошад, худро ҳалол гардонад.

Агар ба дарёфти ҳаҷ қодир гардида, тавони дарёфти гӯсфандро надошта бошад, метавонад худро ҳалол намояд, вале беҳтар аст, ки ҳаҷро ба ҷо оварад. Агар имкони дарёфти ҳар дуро надошта бошад, дигар худ маълум аст.

Шахсе, ки эҳроми ҳаҷ баста ва ба Макка расида бошад, вале аз истодан дар Арафот ва тавофи зиёрат боздошта шуда бошад, дар ҳукми муҳсар, яъне, боздошташуда мебошад. Вале агар танҳо дар яке аз он ду (истодан дар Арафот ва ё тавофи зиёрат) боздошта гардад, дар ҳукми боздошташуда нест. Зеро агар истодан (вуқуф)-ро дарёбад ва аз тавофи фарзӣ боздошта шавад, дар Арафот истода, баъд аз он ҳар гоҳ, ки боздошташ аз миён рафт, ба тавофи зиёрат мепардозад. Аммо агар аз истодан манъ гардад, ҳаққаш қазо мешавад ва бояд баъд аз корҳои умра худро ҳалол гардонад. Гирди Каъба тавоф намуда, миёни Сафо ва Марва саъй намояд ва баъд мӯи сарашро кӯтоҳ намуда ва ё тарошида, аз ҳолати эҳром берун меояд ва қазои ҳаҷ дар соли оянда бар вай воҷиб мебошад.

ҲАҚҚИ НИЁБАТӢ

Аз ҷониби мурда ё оҷизе, ки нотавонияш то марг давом дорад, шахси дигаре метавонад ба ҷои ӯ ҳаҷ намояд ва *онро ҳаққи ниёбатӣ гӯянд*. Ҳар гоҳ шахсе бихоҳад ба ҷои яке аз шахсони зикршуда ҳаҷ намояд, аз ҷониби ӯ ният карда, мегӯяд: ***«Лаббайка би ҳаққатин ъан фулон».***

«Худоё, барои адои ҳаҷ аз ҷониби фалонӣ эҳром бастаам». Ва сипас корҳои ҳаҷро ба ҷо меоварад.

Ибодатҳо дар шариати ислом се навъанд: 1. ибодати сирф ҷисмонӣ, ба монанди намозу рӯза; 2. ибодати сирф молӣ, ба монанди закот ва садақаи фитр, 3. ибодати молию ҷисмонӣ, ба монанди ҳаҷ.

1. Дар ибодатҳои ҷисмонӣ касе наметавонад аз ҷониби шахси дигаре фарзи ӯро ба ҷо оварад. Мас., ҷоиз нест, ки касе аз ҷониби шахси дигар рӯзаи фарзӣ ва ё намозҳояшро ба ҷо оварад.

2. Дар ибодатҳои молӣ фарзи шахсеро шахси дигар метавонад аз ҷониби ӯ анҷом диҳад. Мас., закот бар шахсе фарз шавад, вай метавонад барои худ намоянда (вакил)-е бигирад ва вай ба намояндагӣ аз ӯ закоти молашро пардохт намояд. Ҳатто шахс аз моли худ метавонад закоти моли дигар касро ба дастури вай адо намояд.

3. Дар навъи сеюми ибодатҳо, ки ҳар ду ҷанбаи молӣ ва ҷисмонии дигар ибодатҳоро дар бар мегирад, агар шахс худаш аз лиҳози ҷисмонӣ тавоноии анҷом додани онро дошта бошад, пас бояд худаш онро анҷом диҳад ва дар ин ҳолат каси дигаре наметавонад онро аз ҷониби ӯ анҷом диҳад. Вале агар худаш аз анҷом додани он оҷиз ва нотавон бошад, шахси дигаре метавонад онро ба ҷои ӯ анҷом диҳад, яъне вақте пас аз таҳаққуқи шароити вуҷуби ҳаҷ шароити адои он барояш муяссар набошанд. Ҳаҷ аз ҳамин навъи ибодатҳо аст.

Албатта, он чи гуфтем, дар мавриди ибодатҳои фарз ва воҷиб аст. Аммо дар ибодатҳои нафлӣ ҳар кас метавонад савоби ибодати худро аз ин се навъи ибодат ба дигаре бибахшад. Хоҳ он кас дар қайди ҳаёт бошад, хоҳ аз ҷаҳон гузашта. Ҳатто метавонад савоби як ибодатро ба чанд нафар бибахшад. Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат ин аст, ки савоби ҳар ибодат ба касе, ки бахшида шавад, ба он кас мерасад. Аз назари баъзе пешвоёни киром савоби ибодатҳои баданиро наметавон ба касе бахшид, (ҳамон гуна, ки дар Ҳидояи шариф омадааст), вале аксар бар онанд, ки бахшида метавонад.[1]

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲАҶ

1. Шахсе дар даврони туфулият ва пеш аз синни балоғат ҳаҷ карда бошад ва пас аз балоғат сарватманд ва дорои шароит гардад, ҳаҷ бар вай фарз мегардад. Он чи дар кӯдакӣ анҷом додааст, пеш аз фароҳам гардидани шароити ҳаҷ, яъне пеш аз фарз гардидани ҳаҷ бар гарданаш анҷом гирифтааст.

2. Барои зан, агар ба андозаи масофаи сафар аз Макка дур бошад, будани маҳраме шарт аст. Дар чунин сурат маҳорич ва ҳазинаи сафари маҳрам бар зиммаи зан аст. Зан дар муддати иддаи талоқ низ наметавонад иддаашро тарк намуда, ба ҳаҷ равад.

4. Вақте шахси нобино ё бемори музмин, бо вуҷуди фароҳам омадани шароити ҳаҷ барояшон, тавоноии сафари ҳаҷро аз даст медиҳанд, бояд касеро аз ҷониби худ ба ҳаҷҷи бадал фиристанд ё пеш аз марг васият намояд, то аз ҷонибашон ҳаҷҷи иваз (ниёбатӣ) ба ҷо оварда шаваад. Агар шахсони мазкур пас аз сари худ он қадар мол ба мерос гузошта бошанд, ки баъд аз баровардани хароҷоти такфин, дафн ва пардохти қарзҳояшон, бо як сеюми он ҳаҷ карда мешавад, бар ворисонашон лозим (шаръан воҷиб) аст, ки васияташро иҷро намоянд. Вале агар як сеюми молаш барои баровардани хароҷоти ҳаҷ кифоя накунад, ворисон дар ин сурат ихтиёр доранд, ки аз тарафаш ҳаҷ намоянд ё не.

Дар ҳаҷҷи фарзӣ, агар худи шахс аз сабаби бемории музмин, пирӣ ва ё нобиноӣ аз адои он оҷиз гашта бошад, метавонад барои адои ҳаҷ ноиб бигирад, вале бемориаш бояд ба он андоза бошад, ки дар оянда низ аз беҳбудии худ маъюс гашта бошад.

5. Шахсе маблағи хароҷоти ҳаҷро дошта бошад, вале он барои рафтан ба Мадинаи мунаввара кифоят намекунад, ҳаҷ бар вай фарз аст ва дар сурати набудани имконот, бо нарафтан ба Мадинаи мунаввара гуноҳе домангираш намегардад.

6. Соя гирифтан ба чатр, ба шарте ки ба сар начаспад ва ба хонаву хайма, мошин ва дигар чизҳои соядор ва низ ҳаммом гирифтан бе истеъмоли атриёт ба эҳром халале намерасонад.

7. Пас аз намози тавоф ба назди чоҳ ва ё нуқтаҳои оби Замзам рафта, об бинӯшад ва аз он ҳаловат барад. Ҳангоми нӯшидани оби Замзам ин дуоро бихонад: ***«Аллоҳумма, иннӣ асъалука ъилман нофиъан ва ризқан восиъан ва шифоан мин кулли доин ва сақам»*** *(Бор Худоё! Ман дар нӯш*идани ин об баракотеро чун илми бо манфиат, рӯзии фарох ва саломатӣ аз тамоми дарду беморӣ аз Ту мехоҳам).

8. Баъд аз тамом шудани саъйи байни Сафову Марва ба масҷид баргашта, ду ракъат намози шукрона ба ҷо оварад. Дар ҳамин ҷо умраи шахси мутаматтеъ ва қорин ва низ тавофи кудуми ҳаҷкунандаи муфрид тамом мешавад.

[1] Ҳаҷҷи ниёбатии фарзӣ аз ҷониби шахси дигар дар китобҳои фиқҳ ба тафсил омадааст. Фақеҳони киром вуҷуди бист шартро дар он муҳим ва зарурӣ донистаанд.

9. Тарошидани ҳоҷиҳо сарҳои якдигарро ҳангоми берун шудан аз эҳром монеи шаръие надорад. Шахсоне, ки сарҳои онҳо мӯй надоранд (кал ҳастанд), бояд асбобҳои сартароширо бар сари худ бикашанд.

10. Дар Макка пас аз ҳалол гаштан, аз тавофи хона, намоз дар Масҷидулҳаром, нӯшидани оби Замзам, умраи нофила ва зиёрати мақомоти (ҷойҳои) мутабаррика хуб истифода намояд ва ҳар як лаҳзаи вақти хешро ғанимат бидонад.

11. Ҳамин ки аз Макка азми хориҷ шуданро намуд, дар охирин дидори худ бо хонаи Каъба, тавофи видоъро анҷом диҳад. Бо хона, Мултазам, Ҳаҷару-л-асвад, Мақоми ҳазрати Иброҳим (а) ва оби Замзам видоъ ва хайру хуш намояд. Бо зориву тазаррӯъ, мартабаи дигар муваффақ шудан ба зиёрати хонаи Каъбаро аз Худо хоста, аз оби Замзам бинӯшад ва худро ба пардаҳои Каъба овехта, ҳоҷот ва ниёзу орзуҳои худро аз Парвардигор бихоҳад.

12. Қонуни куллии ислом дар аҳкоми шаръӣ аз назари мазҳаби ҳанафӣ он аст, ки шахс метавонад савоби амали хайри худ, ба монанди намоз, рӯза, садақа, кори нек ва ғайраро ба ҳисоби шахси дигаре бигузаронад. Мас., ду ракъат намоз мехонад ва савобашро ба рӯҳи падар ё модар ва ё дӯсти худ мебахшад.

Дар ҳаҷҷи нафлӣ бо вуҷуди тандурустӣ ва қудрату тавоноӣ бар анҷоми ҳаҷ, боз метавонад ноиб ва иҷрокунандаи ниёбатие бигирад. Агар шахсе пас аз даргузашти падару модар ва ё бародараш ба ҷои онҳо ниёбатан ҳаҷ намояд, назди чумҳури фуқаҳои мазҳаб он аз ҷониби онҳо адо меёбад ва шахси анҷомдиҳанда, бино ба фармудаи Қуръони карим, савоби ҳамкорӣ ва таовун бар бирру тақворо (Моида, 5: 2) дармеёбад, ҳамчунин агар барои онҳо ҳаҷ намояд, яъне савоби ҳаҷро ба онҳо бибахшад, ҷоиз аст ва Худованди бузург савобашро ба онҳо мерасонад.

ИСТИФОДАИ СОБУН ДАР АСНОИ ЭҲРОМ

Шахси муҳрим агар дар ҳолати ғусл ва шустушӯи баданаш аз собун ва ишқор истифода намояд, чизе бар вай воҷиб намегардад. Умуман, шустани сару рӯй ва ғусл намудан дар аснои эҳром ҳеҷ боке надорад. Ривоят шудааст, ки: *«Умар (рз) ба Яъло ибни Умайя гуфт: Бар сарам об бирез! Яъло гуфт: Амири муъминон (ба ин масоил) огоҳтар аст. (Умар) фармуд: Ба Худо савганд, ки об жулидагии мӯи сарро бештар мегардонад. Он гоҳ Бисмиллоҳ гуфт ва бар сараш об рехт»*.[1]

Дар Саҳеҳайн ривоят шудааст, ки ***«…Абуайюби Ансорӣ дар бораи гусли расули Худо (с) дар вақти эҳром пурсида шуд. Вай сарашро хам намуд ва ба шахсе, ки бар сараш об мерехт, гуфт бирез. Вай бар сараш об рехт ва Абуайюб дастонашро ба пеш ва ақиби сараш бурд ва тамоми онро шакид. Он гоҳ гуфт: Расули Худо (с)-ро дидам, ки чунин мекард»***.[2]

Шоёни зикр аст, ки собун набояд хушбӯ ва муаттар бошад, зеро бо истифодаи собунҳое, ки дар таркибашон хушбӯӣ ҳамроҳ шудааст, ба монанди истифодаи худи хушбӯӣ бар шахс хун воҷиб мегардад.

ҲАҶ КАРДАН АЗ МОЛИ ҲАРОМ

Агар шахсе аз моли ғасбшуда ва ё аз роҳҳои ҳаром ба даст омада ҳаҷ намояд, фарзияти ҳаҷ аз гарданаш соқит мегардад, вале аз он ҳаҷ бароях савобе ҳосил намешавад. Бинобар ин, бояд дар касби нафақаи ҳалол ҷаҳд намояд. Намоз низ, агар дар замини ғасбшуда ва ё бе иҷозати соҳиби замин гузошта шавад, дар зоҳир фарзи он соқит мегардад, вале ҳеҷ гуна савоб ва натиҷаи неке барои соҳибаш надорад.

ҲАҶҶИ НОБОЛИҒ

Ҳаҷ кардани кӯдакони ноболиғ аз дидгоҳи шариат ҷоиз аст, ҳарчанд ҳаҷҷи фарзии онҳо адо намеёбад, зеро ҳаҷҷи фарзӣ бар ноболиғ ҳанӯз воҷиб нагаштааст, то адо ёбад. Ҳаҷҷи кӯдакон бештар ҷанбаи таълимӣ дорад. Ин ҳаҷ барои онҳо хуб аст. Дар ҳар ҷое аз бастани эҳром ва ба ҷо овардани аъмоли ҳаҷ, агар ба чизе сарфаҳм нарафт ва ё амалеро натавонист анҷом диҳад, сарпарасташ онро аз ҷониби ӯ ба

[1] Муваттаи имом Молик, 704. – Ҷ. 1. – С. 323; Сунани Байҳақӣ, 8915. – Ҷ. 5. – С. 63.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 1840. Саҳеҳи Муслим, 2881, 2882 (1205)-91, 92.

ҷо меоварад. Агар норасоӣ ва ҷиноят аз ӯ сар занад, бар асоси мазҳаби Имоми Аъзам (рҳ) бар вай ҷазое тааллуқ намегирад, яъне чизе бар вай воҷиб намегардад, зеро ин ҳаҷ барои вай ҳаққи таълимӣ мебошад.

Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар Равҳо (номи маконе) ба корвоне вохӯрд ва пурсид: Ин мардум кистанд? Гуфтанд: Мусулмонон. Онҳо пурсиданд: Ту кистӣ? Гуфт: Ман расули Худо. Зане (дарҳол) кӯдакеро бардошт ва пурсид: Оё барои ин ҳаҷҷе ҳаст? Он ҳазрат (с) фармуд: Оре, ва барои ту аҷри он аст»***.[1]

Дар бораи ҳаҷ кардани кӯдакони ноболиғ ҳамроҳи паёмбар (с) ривоятҳои зиёде ворид шудааст. Аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст: ***«Ҳамроҳи расули Худо (с) ҳаҷ кардем, дар ҳоле ки занон ва кӯдакон низ ҳамроҳи мо буданд. Мо худ аз ҷониби кӯдакон талбия гуфтем ва рамйи ҷимор кардем»***.[2]

Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Кадом кӯдаке (пеш аз балоғат) ҳаҷ намояд ва пас аз он ба синну соли гуноҳ (яъне балоғат) расад, бар вай воҷиб аст, ки бори дигар ҳаҷ намояд…»***.[3]

ТАЪРИХЧАИ ХОНАИ КАЪБА

Хонаи Каъба дар бинои иброҳимӣ дарозрӯя, бесақф ва ба сурати сангдеворе бе ҳеҷ гуна сириштаи гил ва ё таркиби часпандаи дигар ба иртифои 9 зироъ=ҳудуди 4,32 см буда, дарозии он аз шарқ 32 ва аз ғарб 31 зироъ ва паҳнояш аз шимол 22 ва аз ҷануб 21 зироъ будааст.[4] Дар шарқу ғарби Хона ду дари ҳамсаҳти замин ва дар дохилаш ҳуфрае ба умқи се зироъ барои нигаҳдории ашёи ҳадяшуда ба Каъба вуҷуд дошт. Дар шимоли он аз берун ҳиёти чӯбине низ барои гӯсфандони Исмоил (а) вуҷуд дошт, ки дар таърих ба Ҳиҷри Исмоил маъруф аст ва он имрӯз дар охири ҳалқаи девори Ҳатим шомил аст.

Пас аз сукунати Исмоил (а) ва модараш Ҳоҷар дар сарзамини бе обу алафи Макка ва хуруҷи оби Замзам қабоили гуногуне барои касби ифтихори ҳамҷаворӣ бо хонаи Худо дар атрофи он сокин гашта ва пас аз муддатҳо бо сабабҳои мухталифе аз он ҷало шудаанд. Ва дар ниҳоят ҳудуди солҳои 420 м. – 190 сол қабл аз беъсати расули Худо (с) қабилаи Қурайш пас аз ҷалои бозмондаҳои Хузоъа сокини сарзамини муборак ва ҳарами Макка гардид. Мардум дар ибтидо ба эҳтироми хонаи Каъба фазои атрофи онро боз гузошта дар дарраҳо ва доманаи кӯҳҳо зиндагӣ мекарданд, то он ки Қусай ибни Килоб – яке аз аввалин сарони қабилаи Қурайш қавми худро дар атрофи Хона искон дод ва масоҳати нисбатан хурдеро барои тавоф перомуни он холӣ гузошт ва ҳам ӯ аввалин касест, ки сақфи Каъбаро пӯшонд.

Хонаи Каъба дар замони ҷоҳилият – пеш аз ислом бар асари оташсӯзӣ ва пас он селҳо осеб дид ва баъзе деворҳояш фурӯ рехтанд. Қурайш бо тахсиси буҷае аз молҳои ҳалоли хеш, ки дар он маҳри бағӣ (даромадҳое аз роҳи танфурӯшии занон), музди коҳин (аз роҳи фолбинӣ) ва даромади аз рибо набошад, ҳудудан панҷ сол қабл аз беъсати паёмбари ислом (с) – соли 605 м. ба бинои он пардохт. Расули Худо (с), ки дар он замон 35 сол дошт, ҳамроҳи Аббос ва дигар амаконаш дар он ширкат варзид ва пас аз анҷоми кор барои ҳалли ихтилофи шохаҳои Қурайш дар гузоштани Ҳаҷаруласвад дар ҷояш ҳакам таъйин гардид.

---

[1] Саҳеҳи Муслим, (1336)-409. Сунани Абудовуд, 1736.

[2] Сунани Ибни Моҷа, 3038. Муснади имом Аҳмад, 14410. – Ҷ. 3. – С. 314. Сунани Куброи Байҳақӣ, 9495. – Ҷ. 5. – С. 156.

[3] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8396. – Ҷ. 4. – С. 325. Ҳоким ва Ибни Хузайма онро бо ин лафз ривоят кардаанд: ***«Вақте кӯдак ҳаҷ намояд, он то синну соли баъқлиаш барояш ҳаҷ мебошад ва вақте баъқл шуд, бар вай ҳаққи дигаре воҷиб аст…»*** (Мустадраки Ҳоким, 1812. – Ҷ. 2. – С. 144. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 3050. – Ҷ. 4. – С. 349).

[4] Дар бораи масоҳат ва эътибори тӯлу арзи хонаи Каъба дар шарҳҳои ҳадис ва китобҳои таърихи Макка осор ва ривоятҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз гуфтаҳои матн каме фарқ мекунанд. Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 4. – С. 487) ба нақл аз «Ахбори Макка»-и Азрақӣ ривоятеро овардааст, ки дар он баландии Хонаи Каъба пеш аз бинои Қурайш бисту ҳафт зироъ гуфта шудааст ва чун нафақаи поки Қурайш барои итмоми он бар бинои қаблӣ кифоя накард, бар ҳаждаҳ зироъ (ва ба ривояте аз Абдурраззоқ бист зироъ)-и он иктифо карданд ва аз бараш низ чанд зироъе кам карда ба Ҳиҷр даровардаанд. Дар бинои Ибни Зубайр (рз) нуҳ ва ё даҳ зироъ дар иртифоъ ва чанд зироъе дар арзаш ба он афзуда шудааст (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 4. – С. 486-493). Агар ривояти Азрақӣ саҳеҳ бошад, пас дар ягон давраи дигаре пас аз замони Иброҳим (а) баландии он ба бисту ҳафт зироъ расонида шудааст. Зеро дар баъзе таърихҳо омадааст, ки хонаи Каъба пеш аз бинои Қурайш ду бори дигар бозсозӣ ва таъмир шудааст.

Нафақаи пок ва буҷаи ҳалоли Қурайш барои такмили Хона бар асоси бинои иброҳимӣ кифоят накард ва миқдоре аз масоҳати он – ба андозаи шаш зироъ ва ё шаш зироъу як вачаб аз девори Каъба берун монд ва барои таъйини ҳудуди Хона перомуни он девори нимдоирае пасттар аз қомат бардоштанд. Онҳо иртифои Хонаро ба 18 зироъ=8,64 см расониданд, дар дохили Хона шаш сутун насб карданд ва танҳо дари шарқиро боқӣ гузошта ва барои монеъ шудан аз духули одамони одӣ остонаи онро аз замин баланд сохтанд.

Дар замони ислом пас аз фатҳи Макка соли 8 ҳ./629 м. расули Худо (с) ба модарамон Оиша (рз) гуфт: «Агар наваҳдии қавмат ба куфр намебуд, Хонаро канда бар асоси бинои Иброҳим (а) бино мекардам, дар он аз шарқу ғарб ду дар боз ва онҳоро ба замин ҳамсатҳ мекардам ва шаш зироъ аз Ҳичрро ба он ҳамроҳ месохтам»,[1] вале Каъба бар асоси бинои Қурайш ҳамчунон боқӣ монд, то он ки Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) соли 64 ҳ./683 м. ба хилофат расид ва Хонаро аз нав бар асоси бинои иброҳимӣ бо ҳамон васфе, ки расули Худо (с) гуфта буд, бино кард,[2] аз шарқу ғарби он ду дар боз кард, аз Ҳичр ба андозаи шаш зироъ ва ё каме бештар ба он ҳамроҳ намуд ва дар дохил се сутун гузошт, вале ҳуфраи дохилро боқӣ нагузошт, балки дар гӯшае аз саҳни Ҳарам барои нигаҳдории ашёи Каъба ҷои махсусе бино кард. Вай бар иртифои Хона низ нуҳ ва ё даҳ зироъ афзуд ва баландиашро ба 27 зироъ=12,95 см расонд.[3]

Расули Худо (с) дар тавоф танҳо ду рукни Хона – рукни ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвадро истилом мекард. Абдуллоҳ ибни Умар (рз) мегӯяд: Агар Оиша (рз) онро аз паёмбар (с) шунида бошад, пас барои ҳамин – кӯтоҳ ва нотамом будани Хона аз бинои иброҳимӣ он ҳазрат (с) рукнҳои тарафи Ҳичр – ду рукни шомиро истилом намекард.[4] Гӯянд: Абдуллоҳ ибни Зубайр (рз) пас аз таҷдиди бинои Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ пас аз ҳар намозе тавоф ва чаҳор рукни Хонаро истилом мекард[5] ва мардум ҳам то замони бақои он бино онҳоро истилом мекарданд. Ҳатто соле, ки бар асари боронҳои паёпай саҳни Ҳарам то нисфи девори Каъба ба зери об фурӯ рафт ва ба ҳавзе табдил шуд, Абдуллоҳ (рз) пас аз адои ҳар намозе дар беруни Ҳарам шинокунон ба гирди Хона тавоф ва чаҳор рукни онро истилом мекард.[6]

Пас аз шикаст ва ба шаҳодат расидани Абдуллоҳ (рз) дар соли 73 ҳ.-/692 м. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф бо супориши халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвон соли 74 ҳ. хонаи Каъбаро вайрон ва дубора бар асоси бинои Қурайш бино кард. Ин навбат таҷдиди комил сурат нагирифт, балки Ҳаҷҷоҷ танҳо девори шимолӣ – байни рукнҳои шомиро канда ҷои Ҳатимро аз Хона берун кард, вале аз иртифои он чизе накост. Пас аз он дигар ҳеҷ тағйире дар хонаи Каъба дароварда нашуд ва он то имрӯз бо ҳамон сохти Ҳаҷҷоҷ бар асоси бинои Қурайш боқӣ мондааст. Вале деворҳои он борҳо дар тӯли таърих бар асари офатҳои табиӣ осеб дида ва ҳар бор бо эҳтимоми зиёди мусулмонон таъмир ва бозсозӣ шудааст, ки бо сайри сарее муҳимтарин мақтаъҳои таърихии онро зикр мекунем:

1. Соли 559 ҳ./1163 м. рукни ямонӣ пас аз суст шудани таҳдоби он дар замони халифаи

---

[1] Ишора бо ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 126, 1583-86, 3368 ва дар Саҳеҳи Муслим, 3227-36 (1333)-398-406 ва дигар китобҳои ҳадис аз роҳҳои гуногун ривоят шудааст.

[2] Ибни Зубайр (рз) пас аз кандани Каъба асос ва тарҳи бинои Иброҳим (а)-ро дар зери замини он ва қисмате аз Ҳичр пайдо намуд, ки ба мисли куфи шутурон буданд ва онро ба аҳли илму раъй (аҳли адолат) аз мардуми Макка нишон дод, он гоҳ Хонаро бар он бино кард (Саҳеҳи Бухорӣ, 1586; Саҳеҳи Муслим, 3232 (1333)-402).

Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ ба нақл аз Абдурраззоқ, Фокиҳӣ ва дигарон овардааст, ки сахраҳои пойдевори Хона ба мисли гардани шутурон ба ҳам тобида буданд ва дар ривояте аз Ато рагаҳо ва асли онҳо ба камари сахраҳои Марва пайваста буданд, ки вақте бо зоғнӯл ба ҷое аз онҳо зада мешуд, дигар рукнҳои Хона низ меларзиданд (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 4. – С. 493).

[3] Умдатулқорӣ шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 9. – С. 313, ба нақл аз Ахбору Макка (таққиқи Алӣ Умар).

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1583, 3368; Саҳеҳи Муслим, 3229 (1333)-399.

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 1608. Дар Саҳеҳи Бухорӣ асли ривоят омадааст, ки Ибни Зубайр (рз) пас аз бинои Каъба бар асоси бинои Иброҳим (а) чаҳор рукни онро истилом мекард.

[6] Азрақӣ, Абулвалид Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Ахбору Макка (таҳқиқи Алӣ Умар). – Ҷ. 1. – С. 19. – Қоҳира, 2003; Абулбақо Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Зиёи Маккӣ. Таъриху Макката-л-мушаррафати ва-л-Масҷидилҳароми ва-л-Мадинати-л-мунавварати ва-л-қабриш-шариф. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Муҳаммад ибни Исҳоқи Фокиҳӣ. Ахбору Макката фӣ қадими-д-даҳри ва ҳадисиҳи. – Бейрут, 1414 ҳ.

аббосӣ Мустанҷид таҳким карда шуд.

2. Соли 1019 ҳ./1610 м. султон Аҳмади Усмонӣ барои тақвияти девори шимолӣ, ки дар он тарқише ба вуҷуд омада буд, ба сохтани камари мисине давро-даври Хона амр кард ва онро бо тилои ноб пӯшонд.

3. Соли 1039 ҳ./1630 м. бар асари боришоти паёпай ва селҳои сахт саҳни Ҳарам ба муддати шаш моҳ зери об монд ва деворҳои Хона кафиданд. Дар ин офат ба ҷуз рукни Ҳаҷаруласвад рукнҳо –деворҳои дигари Каъба ва пеш аз ҳама девори шимолии он, ки соли 74 ҳ./693 м. ба василаи Ҳаҷҷоҷ бино шуда буд, фурӯ рехт. Султон Муроди Усмонӣ ба таъмир ва бозсозии комили он пардохт ва дари бузурге барояш фиристод. Дар натиҷаи ин офати табиӣ Ҳаҷаруласвад чаҳор пора гардид ва ҳам ӯ ба пайванд ва таҳкими он амр кард.

4. Соли 1274 ҳ./1858 м. султон Абдулмаҷиди Усмонӣ мизоб (новадон)-и паҳне, ки аз панҷоҳ ратл (22 кг) тилои холис сохта шуда буд, ба хонаи Каъба эҳдо кард, ки он то имрӯз дар боми Хона аз тарафи Ҳатим боқист.

5. Соли 1331 ҳ./1912 м. султон Муҳаммади Панҷум Ҳаҷаруласвадро бо тавқи нуқрагин печид.[1]

Аз он ҷо ки муқоиса ва баргардони ҳаҷми зироъ – воҳиди ченаки дарозӣ дар гузашта бо ченаки роиҷи имрӯза – сантиметр ба таври дақиқ мавриди иттифоқи ҳама қарор нагирифта аст, дар баргардони абъоди хонаи Каъба дар байни муаррихон тафовути чанд сантиметрие мушоҳида мешавад.

Дар сурати 48 см эътибор кардани зироъ дарозии хонаи Каъба дар бинои иброҳимӣ аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ироқӣ 32 зироъ – камтар аз 16 метр, аз рукни ямонӣ то рукни шомӣ 31 зироъ – каме бештар аз 15 метр ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 22 зироъ – камтар аз 11 метр ва аз рукни ироқӣ то рукни шомӣ 21 зироъ – бештар аз 10 метр будааст. Дар бинои Қурайш, ки имрӯз низ бар он аст, бар асоси маҷмӯи аҳодиси воридшуда дар ин боб бештар аз шаш зироъ – ба андозаи се метру чанд сантиметр аз он хориҷ карда шудааст.

Тибқи гузориши Маркази пажӯҳишҳои ҳаҷ дар донишгоҳи Уммулқурои Макка дар ин бора имрӯз хонаи Каъба аз рукни Ҳаҷаруласвад то кунҷи девори ироқӣ – қабл аз саршавии Ҳатим 11,68 см (бо шодурвон 12,85 см), аз рукни ямонӣ то кунҷи девори шомӣ 12,04 см (бо шодурвон 12,28 см) ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 10,18 (бо шодурвон 11,52 см) ва аз кунҷи девори ироқӣ то кунҷи девори шомӣ 9,90 см (бо шодурвон 11,28 см) аст.

Баландии он дар бинои иброҳимӣ 9 зироъ – 4,32 см, дар бинои Қурайш 18 зироъ – 8,64 см ва дар бинои Ибни Зубайр (рз) 27 зироъ – 12,95 см будааст. Масоҳати дохили он бе деворҳо аз рукни Ҳаҷаруласвад то кунҷи ироқӣ 9,89 см, аз рукни ямонӣ то кунҷи шомӣ 10,15 см ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 8,24 см ва аз кунҷи ироқӣ то кунҷи шомӣ 8 метр аст.

Кушодагии байни рукни ироқӣ ва девори Ҳатим 2,29 см ва кушодагии байни рукни шомӣ ва девори Ҳатим 2,23 см ва дарози масофаи байни девори шимолии Каъба то девори Ҳатим 8,16 см аст, ки 3,16 см-и он аз Хона ва 5 метраш аз Ҳиҷри Исмоил (а) ба шумор меравад.[2]

Аз он ҷо ки тӯлу арз ва баландии хонаи Каъба аз ҳам тафовути чандоне надоранд, он дар назари бинанда мукаъъаб – чаҳоркунча менамояд ва онро ба ҳамин хотир Каъба номидаанд. Аҷибтар он ки самтҳои он тақрибан ба таври комил – бо тафовути андаке дар мувозоти самтҳои ҷуғрофии замин – шарқу ғарб ва шимолу ҷануб ҷойгир шудаанд.

---

[1] Убайдуллоҳ Муҳаммадамини Курдӣ. ал-Каъбату-л-муаззамату ва-л-ҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – Мадинаи мунаввара, 1419; Муҳйиддин Аҳмад Имом. Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Абдуллоҳ Солим Наҷиб. Таъриху-л-масоҷиди-л-шаҳира. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Абулбақо Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Зиёи Маккӣ. Таъриху Макката-л-мушаррафати ва-л-Масҷиди-л-ҳароми ва-л-Мадинати-л-мунавварати ва-л-қабри-ш-шариф. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[2] ал-Каъбату-л-муаззама ва-л-ҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – С. 104. – Мадинаи мунаввара, 1419 ҳ.; Доктор Шавқӣ Абухалил. Атласу-с-сирати-н-набавийя. – С. 259. – Димишқ, 2003.

Фасли ҳафтум

ҚУРБОНӢ ДАР ҲАҶ (ҲАДӢ)[1]

Шутур, гов ва говмеш, гӯсфанд ва буз барои қурбонӣ, чи узҳия бошад, чи ҳадйи[1]Ҳарам, забҳ мешаванд ва ба ҷуз инҳо дигар ҳайвонот барои он ҷоиз нест. Қурбонӣ ва забҳи чорпоёни мазкур ба ду шарти зерин дуруст аст:

1. Синнаш барои қурбонӣ расида бошад. Синни қурбонӣ барои чорпоёни мазкур он аст, ки гӯсфанд як, гов ду ва шутур панҷ солро пур карда бошанд. Танҳо гӯсфанде, ки шаш моҳро пур карда ва аз ҷиҳати ҷисм аз гӯсфанди яксола чандон фарқе надошта бошад, низ қурбонияш ҷоиз аст.

2. Солим буда, ҳеҷ айбу бемории монеи дуруст гардидани қурбониро надошта бошад, яъне ҳеҷ як аз аъзои он, ба монанди даст ва ё пояш нашикаста ва дум ва ё гӯшаш пурра бурида нашуда бошад ва ҳамчунин ҳайвони кӯр, лоғар (хароб) ва ё ланг, ки натавонад то қурбонгоҳ биравад, қурбонияш ҷоиз нест.[2]

Аз Алӣ (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Чашм ва гӯши моли қурбониро бо диққат нигоҳ кунед ва чорвои кӯр, гӯшбурида, ки нӯг ва ё бари гӯшаш бурида шудааст ва чорвои гӯшчок ва гӯшсӯрохро қурбонӣ накунед»***.[3]

Барои касби маълумоти бештар дар бораи дигар айбҳо ва бемориҳо ва дараҷаи таъсири онҳо дар сиҳҳати қурбонӣ ба фасли «Қурбонӣ – узҳия» мавзӯи «Шароити сиҳҳати қурбонӣ» дар китоби «Рӯза» муроҷиат намоед.

Барои дуруст гардидани забҳи қурбонии ҳаҷ-ҷи қирон ва таматтуъ (ҳадй) ду чизи дигар низ шарт аст, яке он ки дар Ҳарам забҳ шавад ва дигар он ки дар яке аз се рӯзи ид забҳ шавад. Агар дар рӯзи якуми ид забҳ шавад, бояд пас аз партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба забҳ гардад. Барои забҳи хуни эҳсор ва хуни ҷиноятҳо танҳо Ҳарам шарт аст, на рӯзҳои ид, балки пеш аз ид ва ё дар айёми ид ҳам метавонад онро забҳ намояд.

Куштани шутур ва ё гов танҳо дар ҳолатҳои каффорати шахсони зерин пешбинӣ шудааст:

1. Касе дар ҳоли ҷанобат тавофи зиёрат намуда, онро дубора ба ҷо наоварда бошад.

2. Касе баъд аз истодан дар Арафот ва пеш аз тарошидани сар ва тавофи зиёрат бо ҳамсараш наздикӣ карда бошад. Вале дар ҳолатҳои дигар, ба монанди хуни таматтӯъ ва қирон, хуни эҳсор (боздошташудан), хуни ҷиноят, хуни нафлӣ ва татаввуъ (нафл) куштани гӯсфанд пешбинӣ шудааст.

Аммо агар ду нафар ва ё бештар аз он то ҳафт нафар дар як қурбонӣ шарик бошанд, дар ин сурат, агар хосту иродаи ҳамаи шарикон наздикӣ ба Худованди мутаъол бошад, метавонанд як

---

[1] Ҳадӣ – ба он навъ қурбоние гуфта мешавад, ки ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ ба хотири шукронаи анҷом додани ду ибодати мустақил – ҳам ҳаҷ ва ҳам умра дар як вақт ва дар зимни як барнома ва як эҳром барои Худо забҳ менамояд ва ё ба хотири хориҷ шудани шахси муҳсар (боздошташуда) аз эҳромаш сурат мегирад. Ин қурбониро ҳадӣ мегӯянд ва он бар ҳоҷиён воҷиб ва забҳи он танҳо дар Ҳарам ҷоиз аст.

Дам – забҳи ҳайвоне, ки бар ҳаҷгузор ва умракунанда барои содир намудани ҷиноят дар мамнӯоти эҳром ва ё аъмол ва маносики воҷибаи ҳаҷ ва умра воҷиб мегардад. Онро дам мегӯянд, ба ин маъно ки барои ҷуброни нақси бавуҷудомада хуне бар вай воҷиб мегардад, ҳамон гуна ки дар поварақии марбут ба мавзӯи «Пӯшидани либоси дӯхташуда» баён гардид.

Узҳия – он қурбониест, ки бар ҳар шахси мусулмони дорои шароит воҷиб мебошад ва ба эҳрому Ҳарам иртиботе надорад. Онро дар истилоҳи фақеҳон **узҳия** мегӯянд.

[2] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Қурбонӣ бо чор навъи мол дуруст намешавад: ланги ошкор, кӯри ошкор, касали ошкор ва лоғаре, ки мағз надорад»*** (Сунани Абудовуд, 2802; Сунани Тирмизӣ, 1497; Сунани Насоӣ, 4381, 4382, 4383; Сунани Ибни Моҷа, 3144).

[3] Сунани Абудовуд, 2804; Сунани Тирмизӣ, 1498; Сунани Насоӣ, 4384, 4385; Сунани Ибни Моҷа, 3142, 3143.

шутур ва ё як гов қурбонӣ намоянд.

Барои соҳиби қурбонӣ, хӯрдани гӯшти қурбонии таматтӯъ, қирон ва нафл боке надорад, вале хӯрдани гӯшти хуни (ҷаримаи) ҷиноят ва хуни эҳсор барои ӯ ҷоиз нест.

Куштани қурбонии қирон ва таматтӯъ пеш аз рӯзи ид ҷоиз нест, балки бояд дар рӯзи ид, баъд аз задани Ҷамраи Ақаба ва ё дар ду рӯзи баъд аз он кушта шавад, вале забҳи дам (хун кардан) барои эҳсор ва ҷиноятҳо дар ҳар замоне ҷоиз аст.

Агар куштани қурбонии таматтӯъ ва қирон баъд аз айёми ид сурат гирад, он гоҳ ба хотири таъхири куштани қурбонӣ аз вақти муқаррарӣ бар ӯ хуни дигаре лозим мешавад.

ИДИ ҚУРБОН

Иди Қурбон عيد قربان, яке аз ду иди мусулмонон, ки ҳар сол рӯзи 10-уми зулҳиҷҷа таҷлил мешавад. Иди Қурбонро ба сабаби ҳодисаи таърихии қурбонӣ шудани Исмоил дар он айём ва ба хотири қурбоние, ки ҳоҷиён ҳама сола дар он рӯз дар Мино ва мардуми мусулмони тавонгар дар манзилҳояшон барои итъоми дармондагон ва икроми мардуми идгузор анҷом медиҳанд, ба ин ном номидаанд ва он ҳамон иди Азҳо дар забони араб бошад. Иди Қурбон маъмулан се рӯз – рӯзи даҳуми зулҳиҷҷа ва ду рӯзи пас аз он аст, ки ба онҳо айёми наҳр – забҳ ва қурбонӣ гӯянд, вале бар асоси таълимоти ислом дар бораи ҳаҷ, айёми иди Қурбон рӯзи пеш аз наҳр, ки рӯзи арафа аст ва рӯзи 13-уми он моҳро низ дар бар мегирад ва дар умум панҷ рӯзро ташкил медиҳад ва ба онҳо рӯзҳои иду арафа ва айёми ташриқ гуфта мешавад.

Ҳумоюну муборак бод иди рӯзадоронаш,
Чу иди рӯзадоронаш муборак бод қурбонаш!
(Амир Муиззӣ)

Маросими ҳаҷ ба рӯзҳои иди Қурбон рост меояд ва қидмати таърихии иди Қурбон ба айёми зиндагонии Иброҳими паёмбар (а) ва фарзандаш Исмоил (а) бармегардад. Иди Қурбон, қурбонӣ дар он ва умуман маросими ҳаҷ аз ойинҳои ибодатие ҳастанд, ки барои уммати ислом аз ҳонадони Иброҳим (а) ба ёдгор мондаанд.

Яке аз озмоишҳои Худованд аз Иброҳим (а) забҳ ва қурбонӣ кардани фарзандаш Исмоил дар роҳи Худо буд. Иброҳим пайи ҳам се бор дар хоб дид, ки фарзанди худ Исмомилро забҳ мекунад. ӯ яқин кард, ки Худованд ӯро ба забҳи фарзандаш амр кардааст ва моҷарои хобашро ба Исмоил дар миён гузошт. Исмоил ба ӯ гуфт: **«Эй падар, ба ҳарчи амр шудай, анҷом бидеҳ, иншоаллоҳ маро аз собирон хоҳӣ ёфт!»** (Соффот, 37:102).

Иброҳим (а) дасти фарзандашро гирифт ва аз Макка ба сӯи забҳгоҳ дар сарзамини Мино ҳаракат кард. Дар роҳ вақте ба доманаи кӯҳи Сабир расиданд, Шайтон ба роҳзанӣ ва васвасаи Исмоил пардохт, то ӯро аз ин азимат бозгардонад. Иброҳим (а) вақте талошҳои Шайтонро дар бероҳ намудани фарзандаш дид, ҳафт сангчаеро аз замин бардошт ва ба сӯи Шайтон партофт. Шайтон навмедона ба ақиб баргашт.

Иброҳим (а) ва Исмоил вақте ба забҳгоҳ расиданд, Иброҳим (а) барои ризои Худо фарзандашро бо дастони худ ба замин ба рӯй хобонд ва ҳар ду таслими амри Ҳақ гаштанд. Ва ҳамин ки Иброҳим (а) корд бар гардани Исмоил ниҳод, аз осмон нидо расид, ки: **«Эй Иброҳим, (аз забҳи Исмоил воист) ту хоби худро ба амал баровардӣ!»** (Соффот, 37:104) ва гӯсфандеро барои қурбонӣ ба ҷои Исмоил ба назди вай фиристод ва фармуд: **«Мо некӯкоронро ҳамин тавр подош медиҳем. Ин набуд, магар озмоиши ошкоре … ва ёди ӯро дар пасиниён зинда доштем».**

Мусулмонони ҳаҷгузор рӯзи иди Қурбон ба ёди ин рӯйдоди азими таърихӣ ва эҳёи хотираи хонадони Иброҳим (а) дар сарзамини Мино, ки забҳгоҳ дар он воқеъ шудааст, чорвоеро забҳ менамоянд ва гӯшти онро ба одамони камбағал ва камбизоат тақсим мекунанд. Ба таври умум ҳар мусулмоне, ки имконияти молӣ дорад, дар ин рӯз дар хонааш ва аз ҷониби тамоми аҳли хонаводааш чорвое забҳ менамояд ва хотираи қурбонии Иброҳим (а) ва Исмоил (а)-ро дар худ зинда месозад.

Дар нусус ва ривоёти шаръӣ дар бораи ин ки оё ҳодисаи забҳи Исмоил (а) дар он дергоҳи таърих дар рӯзҳои иди Қурбон ва айёми баргузории маносики ҳаҷ ба вуқӯъ пайваста ё дар замони дигаре аз авқоти сол, чизе бо сароҳат

наёмадааст, гарчи аз ишороти зимнӣ дар омӯзаҳои шаръ мувофақати замонии вуқӯи ҳодисаи забҳи Исмоил (а) ба рӯзҳои иди Қурбон бармеояд. Вале он чи дар шаръ собит ва муқаррар аст, ин аст, ки қурбонӣ заруратан бояд дар рӯзҳои иди Қурбон анҷом гирад.

Аз назари таърихӣ санаи вуқӯи ин рӯйдод, яъне аввалин қурбонӣ дар рӯзҳои иди Қурбон ба таври дақиқ муайян нагардидааст. Тибқи фармудаи мураттибони Фарҳанги Лорус, Иброҳим (а) ва хонадонаш ҳудуди солҳои 1800 қ. м. аз сарзамини Байнаннаҳрайн ба Канъон рафт. Бар ин асос, ҳодисаи сукунати ниме аз хонадони Иброҳим – Ҳоҷар ва Исмоил дар сарзамини Макка ва ҳодисаи забҳ – қурбонӣ кардани вай каме баъдтар аз солҳои 1800 қ. м. ба вуқӯъ омадааст (Larousse. – С. 496). Вале ба гуфтаи муаррихи муосири араб Маҳмуд Шокир, ин ҳодиса ҳудудан 3800 сол пеш аз ҳичрати паёмбар (с), яъне ҳудуди солҳои 3200 қ. м. сурат гирифтааст (ат-Таъриху-л-исломӣ. – Ҷ. 1.- С. 82).

Ба ҳар ҳол, Қуръон ва ривоятҳои ҳадис онро ба ҳайси як ҳодисаи азим ва яке аз озмоишҳои сахте дар ҳаёти Иброҳим (а) зикр намуда ва маҷмӯаи ёздаҳоятае 100 – 111 дар сураи Соффот ба баёни ин ҳодисаи таърихӣ пардохтааст: **«(Иброҳим дуо кард ва) гуфт: Парвардигоро, бароям аз солеҳон ато фармо! Он гоҳ ӯро ба писари ҳалим (боақл)-е башорат додем. Ҳангоме ӯ дар кановаш ба синни саъй расид, гуфт: писарам, дар хоб дидам, ки туро забҳ менамоям, бубин, то дар ин бора чӣ меандешӣ!? (Исмоил) гуфт: Ба ончи амр шудай, онро анҷом бидеҳ, иншоаллоҳ, маро аз собирон хоҳӣ ёфт. Вақте таслим шуданд ва ӯро ба рӯй хобонд, ӯро нидо додем, ки: Эй Иброҳим, хоби худро дар амал анҷом додӣ (ва) Мо некӯкоронро ҳамин тавр подош медиҳем. Ин озмоиши ошкоре буд ва ӯро бо қурбонии бузурге фидо намудем ва ёди ӯро дар пасиниён зинда доштем. Пас салом бар Иброҳим (ва Мо) некӯкоронро ҳамин тавр подош медиҳем. ӯ воқеан ҳам, аз бандагони муъмини Мо буд»** (Соффот, 37:100–111).

Исмоил (а) бо сабр бар озмоиши забҳ дар айёми иди Қурбон дар шумори бандагони баргузида ва собири Худованд шомил гардид ва номи некаш то абад боқӣ монд. Қуръони карим мефармояд: **«Ва дар китоб Исмоилро ба ёд овар, ки содиқваъда ва паёмбари баргузида буд»** (Марям, 19:54).

Таҷлил ва шукӯҳи мардумии иди Қурбон дар миёни миллатҳои мусулмон, бахусус мардуми мусулмони кишварамон, аз он азамат ва ҷашнҳои идонае, ки дар иди рамазон доир ва мушоҳида мегарданд, фарқе намекунад, балки ба сабаби зиёдтар будани айёми баргузории он тароват ва истишмоми накаҳоти раҳмату баракоти илоҳӣ дар чеҳраи мусулмонон бештар эҳсос мешавад. Ҳар шодбош, ибораҳои табрикот, ҷашну хурсандие, ки дар иди рамазон дар байни мардум маъмул буд, дар иди Қурбон низ ба ҷой оварда мешаванд, танҳо ин ки ба ҷои калима ва ибораи иди Рамазон вожаи иди Қурбонро мегузоранд.

Фасли ҳаштум

ЗИЁРАТИ РАВЗАИ МУБОРАКИ ПАЁМБАРИ АКРАМ (С)

Мадинаи мунаввара яке аз ду ҳарами амни илоҳӣ ва нузулгоҳи ваҳӣ мебошад. Мадина сарзаминест, ки нахустин ҳукумати илоҳӣ дар он ба вуҷуд омадааст ва шӯъои дини Худованд аз он ҷо бар ҷаҳониён тобидааст. Мадина гаҳвораи тамаддун ва фарҳанги исломӣ мебошад. Мадина ҷасади мубораки расули Худо (с) ва бисёре аз ёрони бузурги ӯро дар хоки худ ҷой додааст. Мадина ҷои болафшонии Ҷабраили амин (а) мебошад. Хулоса, Мадина бо таърихи ислом сахт даромехтааст ва зиёрати он тамоми ин хотираҳоро дар ёди мусулмон зинда ва ӯро барои пайравӣ аз паёмбари ислом (с) омодатар месозад.[1]

Бинобар ин, ҳоҷӣ вақте аз маносики ҳаҷ фориғ гардид, ба тарафи Мадинаи мунаввара ба қасди зиёрати қабри паёмбари акрам (с) раҳсипор мегардад. Зиёрати қабри он ҳазрат (с) аз бузургтарин мустаҳаббот мебошад ва он ҳазрат (с) ба андозае ба он тавсия кардаанд, ки гӯй аз воҷибот бошад.

Тарзи зиёрати қабри паёмбар (с):

Ҳар гоҳ ба Мадинаи мунаввара наздик шавад ва чашмонаш ба деворҳо ва ё манзилҳои шаҳр афтад, бар паёмбар (с) салавот мефиристад ва мегӯяд:

«Аллоҳумма, ҳозо ҳараму набиййика, фаҷъалҳу виқоятан лӣ мина-н-нори ва амонан мина-л-азоби ва суи-л-ҳисоби».

«Парвардигоро, ин ҳарами паёмбари Туст. Пас онро барои ман аз оташу азоби дӯзах ва аз азобу ҳисоби бад паноҳ бигардон».

Ҳоло пеш аз дохил шудан ба шаҳр ва ё баъд аз он, агар ғусл намудан барояш мушкил бошад ва ё шароити онро надошта бошад, пас худро хушбӯй намояд ва некӯтарин либосҳояшро бар тан карда, дохил шавад ва бигӯяд:

«Бисмиллоҳи ва ъало миллати расулиллоҳи: Раббӣ адхилнӣ мудхала сидқин ва ахриҷнӣ мухраҷа сидқин ва-ҷъал ли мин ладунка султонан насиро».

«Аллоҳумма, салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин ва-ғфир лӣ зунубӣ ва-фтаҳ лӣ абвоба раҳматика ва фазлика».

«Ба номи Худованд ва бар миллати расули Худованд! Парвардигоро, маро ба даромадгоҳи ростин дохил бикун... (то охири оят).

Худоё, бар Муҳаммаду оли Муҳаммад дуруд фирист ва гуноҳонамро биомурз ва дарҳои раҳмат ва фазлатро ба рӯям бикушо!».

Сипас ба масҷид дохил шуда, ба назди минбари он ҳазрат (с) дар ҳоле ки сутуни минбар дар баробари китфи росташ қарор гирад, ду ракъат намоз гузорад. Ин макон равзаи расули акрам (с) буда, дар миёни қабр ва минбари он ҳазрат (с) воқеъ шудааст.[2] Он намозгоҳ (му-

---

[1] **Мадинаи Мунаввара** ар. اَلمَدِينَةُ المُنَوَّرَة, дар тӯл (долгота)-и ҷуғрофии 390 (дараҷа), 36 дақиқа ва 1 сония, арз (параллел)-и 240 (дараҷа), 28 дақиқа ва 5 сония ва дар баландии 597-639 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст, аз Маккаи мукаррама (бар асоси гузориши Курдӣ) 420 км ва аз бандари таърихии Янбуъи Баҳр 220 км фосила дорад. Миёнгини дараҷаи ҳарорат дар он тобистон дар моҳи август 370 ва зимистон дар моҳи январ 160 аст. Аҳолии он имрӯзҳо бештар аз ним миллион ҷамъиятро ташкил медиҳад.

Мадина пеш аз ҳиҷрати паёмбар (с) Ясриб – бо номи яке аз наберагон ва аъқоби дуртари Нӯҳ (а) – ном дошт, ки Қуръони карим ҳам (33: 13) ба он ишора кардааст. Расули Худо (с) пас аз ҳиҷрат аз он наҳӣ кард ва фармуд: ***«Касе Мадинаро Ясриб номад, аз Худованди азза ва ҷалл мағфират бихоҳад, он Тоба (пок) аст, Тоба аст»*** (Муснади имом Аҳмад, 18519; Муснади Абудовуди Таёлисӣ, 798. Ҳайсамӣ низ онро дар Маҷмаъ (5784) ривоят карда ва ровиёни онро сиқа гуфтааст, вале исноди онро дар поварақии Муснади имом Аҳмад ба сабаби вуҷуди Язид ибни Абузиёд заъиф гуфта ва афзуда, ки он бо шавоҳиде, ки дар Бухорӣ, 1872 ва Муслим, 3344 (1385)-491 дорад, таъйид мешавад (ва ба дараҷаи ҳасан мерасад). Сипас номаш ба Мадинату-р-расул табдил ёфт.

2 **Равзаи муборака** мавзеест дар масҷиди набавӣ, ки

салло)-и паёмбар (с) мебошад ва дар мавриди он паёмбар (с) фармудаанд: ***«Байни хона ва минбарам боғе аз боғҳои биҳишт аст».***[1]

Сипас саҷдаи шукр ба ҷо оварда, даст ба дуо бардорад ва ба ниёиш ба даргоҳи Худованд пардозад. Пас аз он ба тарафи қабри паёмбар (с) рафта, ба андозаи се ё чаҳор зироъ наздиктар ба он дар назди сари он ҳазрат (с) рӯ ба сӯи ӯ ва пушт ба қибла биистад.

Паёмбар (с) фармудаанд: **«*Ҳар касе бар ман дуруд фиристад, Худо рӯҳамро ба ман бармегардонад, то (ҷавоби) саломашро баргардонам».***[2] **Б**а ин бовар, ки дуруду саломҳои ӯ ба он ҳазрат (с) мерасанд ва паёмбар (с) ӯро мешунавад, бар вай салавот фиристад:

«Ассалому ъалайка ё расулаллоҳи, ассалому ъалайка ё набийяллоҳи, ассалому ъалайка ё сафийяллоҳи, ассалому ъалайка ё ҳабибаллоҳи, ассалому ъалайка ё набийя-р-раҳмати, ассалому ъалайка ё шафиъа-л-уммати, ассалому ъалайка ё саййида-л-мурсалин, ассалому ъалайка ё хотама-н-набиййин».

«Салом бар ту, эй фиристодаи Худо, салом бар ту, эй паёмбари Худо, салом бар ту, эй дӯсти самимии Худо, салом бар ту, эй маҳбуби Худо, салом бар ту, эй паёмбари раҳмат, салом бар ту, эй шафоаткунандаи уммат, салом бар ту, эй хоҷаи фиристодашудагон, салом бар ту, эй хотами паёмбарон».

Имом Абуҳанифа (рҳ) ривоят мекунад, ки Ибни Умар (рз) фармуд: «Суннат он аст, ки аз тарафи қибла ба сӯи қабри Паёмбар (с) биойӣ ва пушт ба қибла ва рӯй ба қабр бигардонӣ, он гоҳ бигӯӣ: «**Ассалому ъалайка айюҳаннабийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу**».[3]

Агар касе аз вай хоҳиши расонидани саломашро карда бошад, саломи ӯро низ бирасонад ва бигӯяд: Ассалому ъалайка, ё Расулаллоҳ, мин Фулон ибни Фулон ва ё Фулонун юсаллиму ъалайка, ё Расулаллоҳ! (Салому дуруд бар ту, эй Расули Худо, аз Фалонӣ фарзанди Фалонӣ ва ё Фалонӣ бар ту салом мефиристад! Ривоят шуда, ки халифаи одил Умар ибни Абдулазиз (рҳ) ба ин кор тавсия мекард ва барои он аз Шом ба Мадина пайк мефиристод.[4] Язид ибни Абусаъиди Ҳиротӣ мегӯяд: Вақте ба Умар ибни Абдулазиз видоъ кардам, ба ман гуфт: Ба ту ҳоҷате дорам! Вақте ба Мадина омадӣ ва қабри Паёмбар (с)-ро дидӣ, ӯро аз ман салом бигӯ![5] Ба ҳар ҳол дар канори қабри Паёмбар (с) адаби оромиро риоя намояд.

Пас ҳар қадаре, ки метавонад барои худаш, падару модараш ва барои касоне, ки аз ӯ талаби дуо кардаанд, дуо бикунад. Ҳамчунин миёни минбари расули Худо (с) ва қабраш, ки яке аз равзаҳо (боғҳо)-и ҷаннат ба шумор меравад,

---

дар байни минбар ва хонаи Паёмбар (с) – ҳуҷраи Оиша (рз) воқеъ шудааст. Расули Худо (с) дар бораи он мефармояд: ***«Мобайни хона ва минбарам боғе аз боғҳои биҳишт аст ва минбарам бар ҳавзам аст».***

Уламо ва шореҳон дар баёни маънои ин ҳадис назарҳои гуногуне иброз доштаанд: а) Мобайни хона ва минбар дар нузули раҳмат ва ҳусули саодат ба мисли яке аз боғҳои ҷаннат аст, б) ё ибодат дар он ба биҳишт мебарад, в) ё дар баробари яке аз боғҳои биҳишт ҷой гирифтааст, г) он дар ҳақиқат, яке аз боғҳои биҳишт аст ва дар охират ҳам ба он ҷо интиқол дода мешавад. Самҳудӣ пас аз зикри ин ақвол мегӯяд: Раъйи ахир дар назди ман қавитарини онҳост, Ибни Наҷҷор низ онро тарҷеҳ дода ва имом Молик (рҳ) онро ба зоҳири маъно ҳамл кардааст, яъне он дар ҳақиқат, яке аз боғҳои биҳишт аст ва дар охират ба он ҷо интиқол дода мешавад ва ба мисли дигар қисматҳои замин фонӣ намегардад. Ҷамоае аз уламо ҳам бар ин назар мувофиқ ҳастанд (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 5. – С. 206; Самҳудӣ, Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 429, 430).

Масоҳати равзаи муборака ба гуфтаи Ибни Забола аз минбар то ҳуҷраи он ҳазрат (с) 53 зироъ – ҳудуди 26,5 метр буда ва Самҳудӣ низ онро дар Вафоу-л-вафо (Ҷ. 2. – С. 438) таъйид намудааст. Девори мисини зардтобе, ки дар атрофи ҳуҷраи он ҳазрат (с) бардошта шуда, қисмате аз равза – равоқи байни сутунҳои ҳамшафат бо девори ҳуҷраро фаро гирифта, ба андозаи 9 зироъ=4,5 метр аз он кам кардааст ва равзаи муборака феълан 22,5 метр тӯл ва 15 метр арз (бар) дорад.

Дар замони султон Салимхон сутунҳои равзаро то нисф бо мармари сафед тазйин доданд ва дар бинои мачидӣ сутунҳоро таҷдид намуда, онҳоро боз бо мармари сафед тазйин доданд. Ин тазйини мармарӣ аз сутуни вуфуд то сутуни назди минбар ва мобайни он то ду равоқи пеши равза аз тарафи кибла ва пешорӯи қабри шарифро дар бар мегирад ва ба гуфтаи Барзанҷӣ дар Нузҳату-н-нозирин (С. 40) бо ин кор нишонаи латифе барои марзи равза аз тарафи шимол ба вуҷуд омадааст.

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1195, 1196, 1888, 6588, 7335.

[2] Сунани Абудовуд, 2041. Дар ҳадиси дигар мефармояд: ***«…Қабрамро ба идгоҳ табдил надиҳед ва бар ман салавот фиристед. Салавоти шумо дар ҳар куҷое бошед, ба ман мерасад»*** (Сунани Абудовуд, 2042).

[3] Муснади Абуҳанифа. – С. 95; Шарҳи Муснади Абуҳанифа. – С. 201; Фатҳу-л-қадир. – Ҷ. 3. – С. 170.

[4] Фатҳу-л-қадир. – Ҷ. 2. – С. 181.

[5] аш-шифо би таърифи ҳуқуқи-л-Мустафо. – Ҷ. 2. – С. 670.

ҳар миқдоре, ки барояш муяссар шавад, намоз бигузорад ва тасбеҳу зикр, истиғфор ва шукри Аллоҳ таъолоро зиёд гӯяд ва кӯшиш кунад, ки шабро то рӯз дар он ҷойгоҳи муқаддас бо қироати Қуръон ва санову дуо бигузаронад.

Вақте шахси мусулмон қасди зиёрати турбати расули акрам (с)-ро дошта бошад, ҳатман зиёрати масҷиди набавиро низ ният кунад, зеро он яке аз се масҷиде мебошад, ки ба сӯи он оҳанги раҳил мешавад ва зиёрати он ибодат ба шумор меравад. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Рахтҳо баста намешаванд, магар ба сӯи се масҷид: Ин масҷиди ман, Масҷиду-л-ҳаром ва Масҷиду-л-ақсо»***.[1]

Он гоҳ каме он тарафтар рафта, ба Абубакри Сиддиқ (рз), халифаи расули Худо (с) салом мефиристад. Боз каме онтарафтар рафта, ба халифаи дуюми расули Худо (с) Умари Форуқ (рз) низ салом мефиристад.

Зиёрати масҷиди набавӣ бо ду ракъат намози таҳияи масҷид ва нисори дуруду салом бар равони поки Расули Худо (с) ва ёронаш Абубакр (рз) ва Умар (рз) ба ҷой меояд ва дини ислом на аз боби вуҷуб ва на аз рӯи надб чизе бештар аз инро аз шахси зоир нахостааст, вале агар фурсат барояш даст диҳад ва чиҳил вақт намози фарзро дар он бо ҷамоат барпо дорад, болотарин саодатро ба даст овардааст. Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Касе чиҳил вақт намозро дар масҷиди ман бигузорад, дар ҳоле ки ҳеҷ намозе ӯро фавт нагардад, барояш бароате аз оташ ва наҷоте аз азоб навишта шавад ва аз нифоқ пок гардад»***.[2]

Масҷиди набавӣ[3] дар пешгоҳи Худованд ҷойгоҳи хоссе дорад ва намозе дар он аз намоз дар дигар мавзеъҳо ҳазор баробар бартар аст. Бо ин вуҷуд аҳодис ва осори ривоятшуда барои равзаи муборака нисбат ба дигар гӯшаҳои масҷид арзиши бештар ва маънои дигаре қоил шудаанд. Бинобар ин, бандаи муъмин вақте дар равзаи муборака ҳузур меёбад, ба гӯша ва гулгаште аз боғҳои биҳишт ворид шудааст, пас бикӯшад, ки аз он фазои биҳиштӣ ҳарчи беҳтар ва бештар баҳраманд гардад.

ОДОБИ ЗИЁРАТИ МАСҶИДИ НАБАВӢ

1. Яке аз одоби зиёрати масҷиди набавӣ он аст, ки зиёратгар садояшро дар он баланд накунад ва ҳангоми дуруд ҷаноби паёмбар (с)-ро ба номаш – Муҳаммад ва ё Аҳмад хитоб накунад, балки бо садои паст ва адои эҳтиром: Эй паёмбари Худо, эй расули Худо ва ибо-

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1189. Саҳеҳи Муслим, 3370 (1397)-511.

[2] Муснади имом Аҳмад. – Ҷ. 3. – С. 154. Аксари муҳаддисон санади ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

[3] **Масҷиди набавӣ** ар. المَسْجِدُ النَّبَوِيّ/ المَسْجِدُ النَّبِيّ, бино ба фармудаи расули акрам (с), яке аз се масҷиди муқаддасе аст, ки бори сафар (барои ибодат) баста намешавад, магар ба сӯи онҳо. Он намозгоҳ, минбар, равзаи муборака ва имрӯз турбати поки паёмбари акрам (с) ва ҳамин тавр сутунҳои таърихиеро дар худ ҷой додааст. Ин масҷид аввалин хезишгоҳи ойини ислом, меҳвари ҳаводиси сарнавиштсози таърих, маркази ҳокимият ва саргаҳи тамаддуни боазамати ислом аст. Бинобар ин, дар тӯли таърихи мавҷудияти худ мавриди эҳтимоми хоссу ом қарор дошта, аз ҷанбаҳои гуногун ба ҳифзи осори таърихӣ, қадосати маънавӣ ва сохту бофти меъмории он таваҷҷуҳ шуда ва ин таҳаввулот ва тавсиаҳо бо имтидоди замон идома доранд.

Ҷойгоҳи масҷиди расули Худо (с) пеш аз ҳичрати мусулмонон ҷои нигаҳдорӣ ва шабгузаронии гӯсфандон ва шутурони тавоифе аз аҳли Мадина буд ва ба ду ятимбачае бо номҳои Саҳл ва Суҳайл тааллуқ дошт. Паёмбар (с) он қитъаи заминро аз онҳо бо даҳ динор харид ва фармуд қабрҳои мушриконро аз он барканданд ва заминашро ҳамвор намуданд, он гоҳ масҷиди худро дар он бино кард.

Масҷид дар васати шаҳри Мадина ҷойгир шуда, моҳи рабеъулаввали соли якуми ҳичрӣ баробар ба соли 622 милодӣ сохта шудааст. Дар он замон тӯлу арзи он 70х60 зироъ, тақрибан 35х30 метр ва масоҳати умумиаш 4200 зирои мураббаъ=1050 м2 ва баландиаш 5 зироъ=2,5 метр будааст. Пойдевораш аз санг, деворҳояш аз хишти хом, сутунҳояш аз чӯби дарахти хурмо ва сақфаш бо шохаҳои он сохта шуда буд. Масҷид дар замони расули Худо (с) се дар дошта: даре дар охир дар ҷануби бино, даре дар шарқ, ки ба он дари Ҷабраил гуфта мешуд ва даре дар ғарб, ки ба он аввал дари Отика ва баъдҳо дари Раҳмат гуфта мешуд ва қиблааш ба сӯи Байтулмуқаддас буд. Пас аз ҳодисаи таҳвили қибла, ки ҳудудан пас аз шонздаҳ ё ҳабдаҳ моҳи мақдами паёмбар (с) ба Мадина дар нимаҳои соли дуюми ҳичрӣ иттифоқ афтод, даре, ки дар охири масҷид буд, дар чиҳати қибла воқеъ гардид ва баста шуд ва ба ҷои он дар тарафи шимол – самти қиблаи аввал дари дигаре кушода шуд.

Пас аз таҳвили қибла паёмбари акрам (с) барои нишаст, шабгузаронӣ ва нигоҳубини муҳоҷирон ва дигар мардуми бесарпаноҳ дар шимол-шарқии масҷид дар тарафи рости қиблаи аввал ба сӯи Байтулмуқаддас суффаи сақфдор – болопӯшидае бино кард.

Ҳуҷраи Оиша (рз) дар паҳлӯи чапи қиблаи нав дар канори равзаи он ҳазрат (с) аз шарқ ва пеш аз дари Ҷабраил воқеъ шуда ва хонаи Фотима (рз) ҳам дар пушти он ба сӯи дари Ҷабраил ҷойгир буд.

раҳое ба мисли онро ба кор барад. Худованд дар адаби ҳузур дар пешгоҳи расули Худо (с) ва сухан гуфтан бо эшон мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, садоҳои худро боло аз садои Паёмбар набардоред ва суханро бо ӯ ба мисли ҷаҳр бо якдигар баланд насозед, то аъмолатон барбод нагарданд ва шумо огоҳ набошед...»**.[1]

Ривоятҳо ва осори воридгашта аз салафи солеҳ бар ин далолат доранд, ки риояи ин адаб ҳам дар ҳаёт ва ҳам пас аз вафоти он ҳазрат (с) матлуб аст. Халифаи рошид Абубакр (рз) мефармояд: Баланд кардани садо бар ҳеҷ паёмбаре на дар зиндагӣ ва на пас аз маргаш ҷоиз нест.[2] Уламо фармудаанд, ки баланд кардани садо дар назди қабри Паёмбар (с) макрӯҳ аст, ҳамон гуна ки дар ҳаёташ макрӯҳ буд, зеро ӯ ҳам дар ҳаёт ва ҳам пас аз вафот мӯҳтарам аст.[3]

2. Набояд ба панҷара ва деворҳои он даст ва ё синаи худро бимолад ва ё онро бибӯсад, ки ин корҳо аз назари таълимоти шариъ ҷоиз нест. Фузайл ибни Иёз мефармояд: Аз роҳҳои ҳидоят пайравӣ намо ва камии соликони он туро нафиребад ва аз роҳҳои залолат дурӣ гузин ва бисёрии ҳоликони дар он низ туро нафиребад! Касе ба дил барад, ки масҳи бо даст ва монанди он баракати бештаре дорад, он аз рӯи ҷаҳолат ва ғафлати ӯст. Зеро баракат дар он корест, ки ба шариат ва фармудаи уламо мувофиқ бошад ва чигуна фазлу баракат дар мухолифати савоб ҷуста мешавад? Имом Аҳмад (рҳ) мефармояд: Аҳли илмро дар Мадина дидам, ки ба қабр даст намемолиданд.[4]

3. Тавоф кардан ба гирди қабри он ҳазрат (с) низ ҷоиз нест. Зеро тавоф дар шариъ ибодатест, ки танҳо дар гирди хонаи Худо – Каъбаи мушаррафа анҷом дода мешавад.

ГӮРИСТОНИ БАҚЕЪ

Баъди фориғ шудан аз зиёрати паёмбар (с) мустаҳаб аст ба қабристони Бақеъ равад ва дар ҳаққи наздикон ва саҳобагони гиромии ҳазрати паёмбар (с) дуои хайр намояд.

Бақеъ аввалин ва машҳуртарин гӯристони мусулмонон дар Мадина аст, ки дар канори масҷиди Паёмбар (с) дар шарқи Мадина воқеъ шуда, бузургони саҳоба чун Усмон ибни Аффон (рз), имом Ҳасан, Аббос ибни Абдулмутталиб, духтарон ва аксари ҳамсарони паёмбари акрам (с) ва дигар бузургони садри аввал дар он мадфунанд.

Нахустин касе аз муҳоҷирон, ки дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шуд, Усмон ибни Мазъун – саҳоба ва бародари разоии расули Худо (с) буд, ки соли дуюми ҳиҷрӣ пас аз ҷанги Бадр вафот кардааст ва нахустин нафар аз ансор Асъад ибни Зурора – аз асҳоби байъати Ақаба аст, ки ӯ низ соли дуюми ҳиҷрӣ пеш аз ҷанги Бадр вафот кардааст. Паёмбар (с) пас аз дафни Усмон ибни Мазъун сангеро бар сари қабри вай гузошт ва фармуд: ***«Ин қабри пешрафтаи мост!»***, пас аз он ҳар касе аз муҳоҷирон вафот мекард ва пурсида мешуд, ки ӯро дар куҷо дафн кунем? Мегуфт: ***«Дар канори пешгузаштаамон Усмон ибни Мазъун!»***.[5] Вақте Иброҳим писари паёмбар (с) соли даҳум вафот кард, фармуд: ***«Ӯро ба салафи солеҳамон (Усмон ибни Мазъун) бипайвандед!»***.[6]

Охирин саҳобае, ки дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шуда, Саҳл ибни Саъди Соидии Ансорӣ мутаваффои соли 91 ҳ. аст. Вай дар синни 96 ва бар асоси баъзе сарчашмаҳо дар синни 100-солагӣ вафот ва дар гӯристони Бақеъ дафн гардид. Дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ аз имом Молик ривоят шуда, ки наздик ба даҳ ҳазор (10 000) саҳобаи расули Худо (с) дар Мадина вафот карда, дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шудаанд.

Расули Худо (с) ҳар чанд гоҳе ва дасти кам дар ҳафтае як бор ба гӯристони Бақеъ мерафт ва дар ҳаққи аҳли он дуо ва истиғфор мекард. Ҳамчунин ба муъминон таълим медод, ки барои аҳли гӯристонҳо дуо кунанд: ***«Ассалому ъалай-***

---

[1] Сураи Ҳуҷурот, 49: 2.

[2] Вафоу-л-вафо. – Ҷ . 2. – С. 559.

[3] Муҳаммадилёс Абдулғанӣ. Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 27. – Мадинаи мунавара, 1996.

[4] Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 37.

[5] Мустадраки Ҳоким. – Ҷ. 3. – С. 209.

[6] Муҳаммаданвари Бакрӣ ва Ҳотам Умар Тоҳо, Бақеъу-л-ғаркад. – С. 54. Дар Муъҷамулкабир ва Маҷмауззавоид омадааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Ба салафи солеҳамон Усмон ибни Мазъун бипайванд!»*** (Муъҷамулкабир, 837. – Ҷ. 1. – С. 286; Маҷмаъуззавоид, 15655. – Ҷ. 9. – С. 367).

кум аҳладдиёри минал муъминина вал муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун, антум фаратуно ва наҳну лакум табаъ. Насъалуллоҳа лано ва лакум-л-ъофияҳ».[1]

Аз Оиша (рз) дар ҳадиси дарозе ривоят шудааст: «… Он гоҳ пурсидам: Эй расули Худо (с), дар ҳаққашон чӣ гуна дуо кунам? Гуфт: ***Бигӯ: Ассалому ъало аҳлиддиёри минал муъминина вал муслимин ва ярҳамуллоҳул мустақдимина минно вал мустаъхирин ва инно иншоаллоҳу бикум лалоҳиқун»***.[2] Бинобар ин, барои касе, ки вориди Мадина мегардад, аз муҳимтарин мустаҳаббот аст, ки пас аз зиёрати масҷид ва равзаи расули Худо (с) ба гӯристони Бақеъ равад ва дар ҳаққи хуфтагони дар он дуо ва истиғфор намояд.

Низ мустаҳаб аст қабри шуҳадои ҷанги Уҳудро зиёрат карда, бигӯяд: ***«Ассалому ъалайкум бимо сабартум фаниъма ъуқба-д-дор, саломун ъалайкум дора қавмин муъминин ва инно иншоаллоҳ бикум лоҳиқун».***

Ҳамчунин хуб аст аз масҷиди Қубо, масҷиди Қиблатайн ва дигар маконҳои муқаддас ва осори таърихие, ки дар он сарзамин вуҷуд дорад, дидор намояд. Осори боқимонда дар он ҷо аз таърихи садри ислом ҳатман хотироти поки зиндагонии расули Худо (с) ва рашодатҳои саҳобаи киромро дар зеҳни бандаи муъмин зинда месозанд ва ӯро ба пайравӣ аз сираи он бузургон ва ҷиддият дар роҳи эҳёи арзишҳои исломӣ ҳидоят мекунанд. Қуръони карим гашту гузор дар рӯи замин ва мушоҳидаи осори гузаштагонро дар биноии дил, сохтани зеҳнияти солим ва ташаккули шахсияти инсон муассир донистааст, он ҷо ки мефармояд:

«Оё пас дар (рӯи) замин гашту гузор накарданд, то барояшон дилҳое бошад, ки бо он тааққул намоянд ва гӯшҳое бошад, ки бо он бишунаванд. Зеро дар воқеъ, дидаҳо кӯр намегарданд, валекин он дилҳое, ки дар синаҳост, кӯр мегарданд».[3]

[1] Саҳеҳи Муслим, 2254 (975)-104; Муснади Аҳмад, 24356, 24306. – Ҷ. 17. – С. 328, 343.

[2] Саҳеҳи Муслим, 2253 (974)-103.

[3] Ҳаҷ, 22: 46.

Фасли нуҳум

ЗИКРҲО ВА ДУОҲО ДАР РАФТИ БАРГУЗОРИИ АЪМОЛ ВА МАНОСИКИ УМРАВУ ҲАҶ

Аз Абуҳурайра (рз) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд:

الحاجُّ والعُمَّار وفدُ اللهِ،إن دَعَوْهُ أَجابَهُم،
وإن اسْتَغْفَرُوهُ غَفَرَ لَهُم

«Ҳаҷгузор ва умракунанда меҳмони Худоанд. Агар Ӯро дуо кунанд, дуояшонро иҷобат менамояд ва агар аз Ӯ мағфират хоҳанд, онҳоро мағфират мекунад».[1]

Мавсими ҳаҷ аз назари замонӣ ва маконӣ беҳтарин маконҳои муқаддас ва гуворотарин лаҳзаҳои иҷобати дуоро гирд овардааст. Шахси ҳаҷгузор бо истифода аз он сарзаминҳои муқаддас ва лаҳзаҳои нотакрори мавсими ҳаҷ тамоми орзӯҳои нек ва хостаҳои машрӯи худро дар пешгоҳи Худованд матраҳ месозад ва барои пазириш ва таҳаққуқи онҳо дуо ва илтиҷо менамояд.

Аз Ҳасани Басрӣ (рҳ) нақл аст, ки дар понздаҳ мавзеъ аз он сарзамини орзуҳо дуо ба иҷобат мерасад: дар тавоф, назди Мултазам, дар зери мизоб (новадони хонаи Каъба), дар дохили хона, назди оби Замзам, бар кӯҳи Сафо ва Марва, дар саъйгоҳ, дар пушти Мақоми Иброҳим, дар дашти Арафот, дар Муздалифа, дар Мино ва дар назди се ҷамра. Пас бояд ҳаҷгузор ин фурсатҳои мусоидро аз даст надиҳад ва худро аз ин дастовардҳои илоҳӣ маҳрум насозад ва дар дуои хайр бикӯшад.

1. Вақте чашмаш ба хонаи Каъба афтод, бигӯяд:

اللَّهُمَّ زِدْ هذا البَيتَ تَشْرِيفاً وتَعْظِيماً
وتَكْرِيماً ومَهابةً

«Аллоҳумма, зид ҳоза-л-байта ташрифан ва таъзиман ва такриман ва маҳобатан».

«Бор Худоё! Бар шарофату азамат ва каромату маҳобати ин хона биафзой».[2]

Ҳамчунин бигӯяд:

اللَّهُمَّ أَنْتَ السَّلامُ وَمِنْكَ السَّلام،
حَيِّنا رَبَّنا بِالسَّلام

«Аллоҳумма, анта-с-салому ва минка-с-салом, ҳаййино раббано би-с-салом».

«Худовандо! Сарчашмаи тамоми саломатиҳо Туӣ ва тамоми онҳо аз ҷониби Туст. Парвардигоро! Моро ба саломат зинда бидор».[3]

2. Дар вақти истилом ва бӯсидани Ҳаҷаруласвад хуб аст бигӯяд:

بسم الله والله أكبر، اللَّهُمَّ إيماناً بك وتَصْديقاً
بكِتابِكووفاءً بعهدك واتِّباعاً لِسنَّة نَبِيِّك (ص)

«Бисмиллоҳи валлоҳу акбар, Аллоҳумма, имонан бика ва тасдиқан бикитобика ва вафоан биаҳдика ваттибоъан лисуннати набиййика (с)».

«Ба номи Худо ва Худо бузургтар аст. Ху-

[1] Сунани Ибни Моҷа, 2892.

[2] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8995. – Ҷ. 5. – С. 83. Байҳақӣ онро мунқатеъ гуфтааст, вале аз Суфёни Саврӣ аз Абусаъиди Шомӣ аз Макҳул шоҳиди мурсале дорад. Мусаннафи Ибни Абушайба, 29624. – Ҷ. 6. – С. 81. Дар идомаи ҳадис омадааст: ***«…ва бар шарофат, азамат, каромат ва некӯии ҳаҷгузор ва умракунандае, ки онро бузург дорад, низ биафзой»***.

[3] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8997. – Ҷ. 5. – С. 73. Мусанафи Ибни Абушайба, 15754, 15755. – Ҷ. 3. – С. 437. Саъид ибни Мусайяб ин хабарро аз падараш аз Умар (рз) ривоят кардааст.

доё, инак, бо имони ба Ту, тасдиқи ба китобат, ба вафои ба аҳдат ва бо пайравӣ аз суннати паёмбарат (с)».[1]

Дар ҳолати рамал дар се даври аввали тавоф бигӯяд:

اللَّهُمَّ اجْعلهُ حجًّا مَبرورًا وذَنْباً مَغْفورًا وسَعْياً مَشْكورًا

«Аллоҳумма-ҷъалҳу ҳаҷҷан мабруро ва занбан мағфуро ва саъйан машкуро».

«Бор Худоё! (Ин)-ро ҳаҷҷи мавриди ризо ва қабули худ, гуноҳи бахшуда ва кӯшиши ситуда бигардон».[2]

Дар миёни рукни Ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвад бигӯяд:

اللَّهُمَّ رَبَّنَآ ءَاتِنَا فِى ٱلدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِى ٱلْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿٢٠١﴾

«Аллоҳумма раббано, отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фил охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор». ***«Бор Худоё! Парвардигоро! Дар дунё ва охират тамоми хубиҳоро насиби мо бигардон ва аз азоби дӯзах моро нигаҳ дор»***.[3]

Ин беҳтарин дуоест, ки дар тавоф гуфта мешавад. Ғайр аз инҳо ҳар дуое, ки барои ислоҳи дунё ва салоҳи охираташ медонад, бигӯяд. Ҳатто агар бо забони арабӣ надонад, бо забони худаш дуо намояд.

Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки дар байни ин ду рукн дуо мекард:

رَبِّي، قَنِّعْنِي بِمَا رَزَقْتَنِي وَبَارِكْ لِي فِيهِ
وَاخْلُفْ عَلَي كُلِّ غَائِبَةٍ لِي بِخَيرٍ

«Раббӣ қанниънӣ бимо разақтанӣ ва борик лӣ фиҳӣ вахлуф ъало кулли ғоибатин лӣ бихайр».

«Парвардигоро, маро ба ончи рӯзӣ додай, қоneъ бигардон ва дар он бароям баракат бидеҳ ва ҳар ғоибе, ки дорам, онро ба хайр нигаҳ дор».[4]

3. Пас аз тавоф вақте ба сӯи Мақоми Иброҳим меравад, ояти:

وَٱتَّخِذُوا۟ مِن مَّقَامِ إِبْرَٰهِـۧمَ مُصَلًّى ...

«Ваттахизӯ мин мақоми Иброҳима мусалло»-ро бихонад.[5] Пас аз ду ракъат намоз ҳарчи мехоҳад, дуо намояд. Аз ҷумла, метавонад ин дуоро бихонад:

اللَّهُمَّ أَنا عَبدُك وابْنُ عبدِكأَتَيتُك بذُنوبٍ كَثيرةٍ
وأعمالٍ سَيِّئةٍ وهذا مَقامُ العائِذِ بِكَ من النَّارِ
فَاغْفِرْ لِي إِنَّكَ أَنتَ الْغَفور الرَّحِيم.

«Аллоҳумма, ана ъабдука вабну ъабдика атайтука бизунубин касиратин ва аъмолин сайиаи, ва ҳозо мақомул ъоизи бика мина-н-нор. Фағфир лӣ, иннака антал ғафуру-р-раҳим».

«Худоё, ман банда ва фарзанди бандаи Туам. Инак, бо гуноҳони бешумор ва аъмоли бадам ба дари хонаи Ту омадам ва ин ҷойгоҳ мақоми паноҳбарандаи ба Ту аз оташ аст. Пас маро биомурз, ки бешак, Туӣ омурзандаи меҳрубон».[6]

Пас аз ду ракаъат намози тавоф вақте дар рӯ ба рӯи дари Каъба ё Мултазам ва ё Ҳаҷаруласвад меистад, хуб аст ин дуоро бигӯяд:

---

[1] Сунани Куброи Байҳақӣ, 9332. – Ҷ. 7. – С. 173. ал-Азкори Нававӣ. – С. 161. Дар Сунани Куброи Байҳақӣ оғози дуо: «Бисмиллоҳи валлоҳу акбар» аз Ибни Умар (рз) ва идомаи он бе ибораи «ва вафоан биаҳдика» аз Алӣ (рз) дар ду ҳадис ривоят шудааст.

[2] ал-Азкори Нававӣ. – С. 161.

[3] Абдуллоҳ ибни Соиб (рз) мегӯяд: ***«Расули Худо (с)-ро дар байни он ду рукн шунидам, ки: Раббано, отино… (***дуои мазкурро***) мегуфт»*** (Сунани Абудовуд, 1892. Мустадраки Ҳоким, 1716. – Ҷ. 2. – С. 106).

[4] Мустадраки Ҳоким, 3411. – Ҷ. 3. – С. 101, 102.

[5] Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ривоят мекунад: ***«Паёмбар (с) ба Макка омад ва ҳафт бор ба даври Каъба тавоф кард. Он гоҳ ин оятро хонд ва дар пушти мақоми Иброҳим намоз гузорид. Сипас ба сӯи Ҳаҷаруласвад баргашт ва онро истилом намуд ва фармуд: Саъйро аз он ҷое сар мекунем, ки Худо онро дар ибтидо зикр кардааст. Пас аз кӯҳи Сафо шурӯъ намуд. …»*** (Сунани Абудовуд, 3969. Сунани Тирмизӣ, 856, 862. Сунани Насоӣ, 2961, 2974).

[6] ал-Азкори Нававӣ. – С. 161.

اَللّٰهُمَّ، لَكَ الْحَمْدُ حَمْدًا يُوَافِي نِعَمَكَ وَيُكَافِئُ مَزِيدَكَ. اَحْمَدُكَ بِجَمِيعِ مَحَامِدِكَ، مَا عَلِمْتُ مِنْهَا وَمَا لَمْ اَعْلَمْ عَلَي جَمِيعِ نِعَمِكَ مَا عَلِمْتُ مِنْهَا وَمَا لَمْ اَعْلَمْ. اَللّٰهُمَّ، صَلِّ عَلَي مُحَمَّدٍ وَعَلَي آلِ مُحَمَّد!
اَللّٰهُمَّ اَعِذْنِي مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ وَاَعِذْنِي مِنْ كُلِّ سُوءٍ وَقَنِّعْنِي بِمَا رَزَقْتَنِي وَبَارِكْ لِي فِيهِ! اَللّٰهُمَّ اجْعَلْنِي مِنْ اَكْرَمِ وَفْدِكَ عَلَيْكَ وَاَلْزِمْنِي سَبِيلَ الْاِسْتِقَامَةِ حَتَّي اَلْقَاكَ، يَا رَبَّ الْعَالَمِينَ!

«Аллоҳумма, лака-л-ҳамду ҳамдан ювофӣ ниъамака ва юкофиу мазидака. Аҳмадука би ҷамиъи маҳомидика, мо ъалимту минҳо ва мо лам аълам ъало ҷамиъи ниъамика, мо ъалимту минҳо ва мо лам аълам. Аллоҳумма, саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад!.

Аллоҳумма, аъизнӣ мина-ш-шайтони-р-рачим ва аъизнӣ мин кулли суин ва қанниънӣ бимо разақтанӣ ва борик лӣ фиҳӣ!. Аллоҳуммаҷъалнӣ мин акрами вафдика ъалайка ва алзимнӣ сабила-л-истиқомати ҳатто алқока, ё рабба-л-ъоламин!».[1]

4. Ҳангоми нӯшидани оби Замзам рӯй ба қибла оварад, «Бисмиллоҳ…» бигӯяд ва хуб аст, ки онро бо се дам ва ё дар се навбат бинӯшад ва пас аз ҳар даме ба сӯи хонаи Каъба назар афканад ва Худоро шукр гӯяд ва дар охир дуо кунад:

اَللّٰهُمَّ، اَسْأَلُكَ عِلْمًا نَافِعًا وَرِزْقًا وَاسِعًا وَشِفَاءً مِنْ كُلِّ دَاءٍ!

«Аллоҳумма, асъалука илман нофиъан ва ризқан восиъан ва шифоан мин кулли доин».

«Худоё, ман аз Ту илми нофеъ, ризқи кушода ва шифои аз ҳар дарду бемориро масъалат менамоям».[2]

Ривоят шудааст, ки Ибни Аббос (рз) ба марде насиҳат кард: ***«Вақте аз оби Замзам нӯшидӣ, ба қибла рӯй биовар, номи Худоро зикр намо (Бисмиллоҳ бигӯ) ва онро бо се дам бинӯш ва аз он бо шикамсерӣ бинӯш ва чун фориғ гаштӣ, Худоро шукр бигӯ. Зеро расули Худо (с) мефармояд: Нишонае, ки моро аз мунофиқон ҷудо месозад, ин аст, ки онҳо аз оби Замзам бо шикамсерӣ наменӯшанд».***[3]

5. Вақте ба кӯҳи Сафо наздик мешавад, ояти:

إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلْمَرْوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِ ۖ فَمَنْ حَجَّ ٱلْبَيْتَ أَوِ ٱعْتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَا ۚ وَمَن تَطَوَّعَ خَيْرًا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ

«Инна-с-Сафо ва-л-Марвата мин шаъоириллоҳ, фаман ҳаҷҷал байта авиътамара фало ҷуноҳа ъалайҳи ан яттаввафа биҳимо. Ва ман татавваъа хайран, фаинна-л-лоҳа шокирун ъалим»-ро бихонад.

Вақте ба кӯҳи Сафо баромад, рӯй ба ҷониби Каъба намуда, се бор ин дуоро бихонад:

لا إله الاَّ اللهُ وحده لا شريك له، له المُلكُ وله الحَمدُ وهو علي كُلِّ شيءٍ قديرٌ؛ صَدَق اللهُ وعده ونصر عبدَه وهزَمَ الأحْزاب وحدَهُ.

«Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир, садақаллоҳу ваъдаҳ ва насара ъабдаҳ ва ҳазамал аҳзоба ваҳдаҳ».[4]

Дар ин миён ҳар чи мехоҳад, барои ниёзҳои дунё ва охирати худ дуо намояд. Ривоят шудааст, ки Ибни Умар (рз) дар кухи Сафо дуо мекард:

---

[1] ал-Азкори Нававӣ. – С. 162.

[2] Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132.

[3] Сунани Ибни Моҷа, 3061. Мустадраки Ҳоким, 1781. – Ҷ. 2. – С. 131. Бусирӣ дар «Мисбоҳ» (1063) исноди онро саҳеҳ ва ровиёнашро мувассақ гуфтааст.

[4] Ин дуо қисмате аз ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) мебошад. Вай дар идомаи ҳадис мегӯяд: ***«Паёмбар (с) вақте ба болои кӯҳи Сафо баромад, рӯй ба қибла овард ва Худоро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд намуд ва дуои мазкурро гуфт. Он калимотро се бор такрор намуд ва ҳар боре дар байни он дуо мекард. Пас аз он ба сӯи Марва поин шуд ва ҳамин ки дар миёнаи водӣ қадам гузошт, ҳаракати худро тезонд… ва вақте ба кӯҳи Марва баромад, тамоми он чиро, ки дар кӯҳи Сафо анҷом дода буд, ба ҷой овард»*** (Саҳеҳи Муслим, 2941 (1218)-147. Сунани Абудовуд, 1905, 1906).

«Аллоҳумма-ъсимно би диника ва тавоъиятика ва тавоъияти расулика (с) ва ҷаннибно ҳудудака!. Аллоҳумма-ҷъално нуҳиббука ва нуҳиббу малоикатака ва анбиёака ва русулака ва нуҳиббу ъибодака-с-солиҳин!. Аллоҳумма, ҳаббибно илайка ва ило малоикатика ва ило анбиёика ва русулика ва ило ъибодика-с-солиҳин!. Аллоҳумма, яссирно ли-л-юсро ва ҷаннибна-л-ъусро ва-ғфир лано фи-л-охирати ва-л-уло ва-ҷъално мин аиммати-л-муттақин!».

Ҳангоми давидан дар миёнаи милҳои (нишонаҳои) сабз ин дуоро бихонад:

رَبِّ اغْفِر وَارْحمْ وأنتَ الأَعَزُّ الأَكْرَمُ

و تَجاوَزْ عمّا تَعْلَم

«Раббиғфир варҳам ва антал аъаззул акрам ва таҷоваз ъаммо таълам».

Ҳангоми ҳаракат аз Мино ба сӯи Арафот хуб аст дуо кунад:

«Аллоҳумма, илайка таваҷҷаҳту ва ваҷҳака-л-карима арадту, фаҷъал занбӣ мағфуран ва ҳаҷҷӣ мабруран варҳамнӣ ва ло тухаййибнӣ. Иннака ъало кулли шайъин қадир!».[1]

6. Дар бораи зикрҳои Арафот паёмбар (с) мефармояд: ***«Беҳтарин дуо, дуо дар рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане, ки ман ва паёмбарони пеш аз ман гуфтаанд: Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л- мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир,*** мебошад***»***.[2]

Он рӯз рӯзи дуост. Арафа асос ва ҷавҳари ҳаҷро ташкил медиҳад. Шахси ҳаҷгузор бояд бикӯшад, то аз он мавқифи азим ва лаҳзаҳои иҷобати дуо, ки дар соле як бор ва шояд дар умри ӯ камтар такрор ёбанд, болотарин истифодаро намояд. Дастори маънавиёт ва кулвори шахсияташро аз алтофи бекаронаи Худованд пур созад.[3]

Эй тиҳидаст, рафта дар бозор,
Тарсамат пур наёварӣ дастор.

Дар Сунани Тирмизӣ аз Алӣ (рз) ривоят шудааст, ки аксари дуои паёмбар (с) дар мавқифи Арафот ин буд:

اللَّهُمَّ لك الحَمدُ كالَّذِي تَقولُ وخَيرًا مِمَّا نَقولُ. اللَّهُمَّ لك صَلاتِي ونُسُكِي ومَحْيَايَ ومَماتِي وإِلَيكَ مَئَالِي ولَك ربِّي تُراثِي. اللَّهُمَّ إنِّي أعُوذُ بك من عذابِ القَبرِ ووسوَسةِ الصَّدرِ وشَتاتِ الأمْرِ. اللَّهُمَّإنِّي أعُوذُ بك من شرِّ ما تَجِيءُ بِه الرِّيحُ.

**«Аллоҳумма, лакал ҳамду каллазӣ тақӯлу ва хайран миммо нақӯл. Аллоҳумма, лака салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ ва илайка маолӣ ва лака раббӣ туросӣ. Аллоҳумма, иннӣ аъӯзу бика мин ъазобил қабри ва васвасати-с-садри, ва шатотил амри. Аллоҳумма, иннӣ аъӯзу бика мин шарри мо таҷиу биҳи-р-риҳ – *Худоё! Ҳамду сано Туро ба гунае, ки худ мегӯӣ ва беҳтар аз он чӣ мо мегӯем. Худовандо! Намозу ибодат ва зиндагонию маргам ҳама барои Туст, бозгашт ва саранҷоми корам низ ба сӯи Туст ва аз они Туст, Парвардигоро, бозмондаи ман. Худоё! Аз азоби қабр, васвасаи садр (дил) ва парешонии корам (ҳолам) ба Ту паноҳ мебарам. Бор илоҳо! Аз шарри он чӣ бод меоварад (бодовард), ба Ту паноҳ меҷӯям»*.[4]

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Ҳар мусулмоне бегоҳи рӯзи арафа дар мақифи Арафот рӯ ба қибла биистад ва сад бор: Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳул ҳамд, юҳйи ва юмиту ва ъало кулли шайъин қадир, бигӯяд, сад бор сураи Фотиҳаро бихонад, сад бор: Ашҳаду ан-ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ, бигӯяд, сад бор: Субҳоналлоҳи ва-л-ҳамду лиллоҳи ва ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, бигӯяд, он гоҳ сад бор сураи «Қул ҳуваллоҳ»-ро бихонад ва дар***

[1] ал-Азкори Нававӣ, с.163.

[2] Сунани Тирмизӣ, 3585.

[3] Дастор – локӣ ва порчае, ки ба он бозорӣ мекунанд; Кӯлавор ва кӯлвор – борхалта; Алтоф – ҷамъи лутф ба маънои навозишҳо.

[4] Сунани Тирмизӣ, 3520.

охир сад бор: Аллоҳумма, саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим, иннака ҳамидун маҷид ва ъалайно маъаҳум, бигӯяд, Худои таъоло гӯяд: Эй фариштагони Ман, подоши ин бандаам, ки Маро ба покӣ, ягонагӣ, бузургиву азамат ва маҷд ёд кард, бар Ман санои хайр гуфт ва бар Паёмбарам дуруд фиристод, чист? Эй фариштагонам, шоҳид бошед, ки Ман ӯро мағфират намудам ва дар нафси худаш шафеъ қарор додам ва агар бихоҳад, ӯро барои аҳли мавқиф низ шафеъ мегардонам!».[1]

Ҳангоми ифоза – хориҷ шудан аз Арафот ба сӯи Муздалифа истиғфору дуоро зиёд намояд, зеро Худованд дар ин лаҳзаҳо шахси ҳаҷгузорро ба истиғфор амр намуда, аз омурзандагӣ ва раҳимияти хеш сухан гуфтааст, он ҷо ки мефармояд: **«Пас аз он аз ҳамон ҷое, ки мардум хориҷ шудаанд, ҳаракат кунед ва аз Худо талаби омурзиш намоед. Зеро Худованд воқеан ҳам, омурзандаи меҳрубон аст»**.[2]

Тоат зи гуноҳ беш мебояд кард,
В-ин тавба зи марг пеш мебояд кард!
Ҳақ ҷалла ҷалолуҳ аз он мустағнист,
Ин кор зи баҳри хеш мебояд кард!

7. Шаби ид дар Муздалифа, ба хусус пас аз дамидани субҳ то пеш аз тулӯи офтоб, ба дуо ва зикри Худо пардозад. Муздалифа низ яке аз мавқифҳо ва ҷои анҷоми маносики ҳаҷ мебошад. Худованд ҳоҷиёнро дар ин Машъари азим – Машъару-л-ҳаром[3] ба ёди худ фаро хондааст, он ҷо, ки мефармояд:

«Вақте аз Арафот (ба сӯи Мино) бозгаштед, Худоро дар канори Машъарулҳаром ёд намоед. Ба ёди Ӯ бошед, чунон ки ҳидоятатон кард, агарчи пеш аз он аз гумроҳон будед».[4]

Метавонад ин дуоро бихонад:

اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْئَلُك أَنْ تَرزُقَنِي فِي هذا المكانِ جَوامِعَ الخَيرِ كُلِّه و أَنْ تُصلِحَ شَأْنِي كُلَّهُ وأَنْ تَصْرِفَ عنِّي الشَّرَّ كُلَّه فإنَّه لايَفعلُ ذلك غيرُكَ ولايجُودُ بِه إلاَّ أنتَ.

«Аллоҳумма, иннӣ асъалука ан тарзуқанӣ фӣ ҳозал макони ҷавомиъал хайри куллиҳи ва ан туслиҳа шаънӣ куллаҳу ва ан тасрифа ъаннӣ-ш-шарра куллаҳу, фаиннаҳу ло яфъалу золика ғайрука ва ло яҷӯду биҳи илло анта – *Худовандо! Ман аз Ту дар ин макон мехоҳам, то калидҳои тамоми хубиҳоро бароям рӯзӣ гардонӣ ва тамоми ҳоламро ба ислоҳ оварӣ ва тамоми бадиҳоро аз ман бозгардонӣ. Албатта, инро ғайр аз Ту касе бароям нахоҳад кард ва танҳо Ту чунин атое дорӣ»*.[5]

Дар роҳ, дар Мино, дар назди Ҷамарот ва дар ҷойҳои дигари ин сарзамини муқаддас, ки ба макони баргузории аъмоли ҳаҷ тааллуқ доранд, дуо намояд ва худро ба чанд дуои кӯтоҳ маҳдуд насозад, балки ҳар чи аз Худо барои хайри дунё ва охират, хушбахтиву саодат ва салоҳи кори худ мехоҳад, талаб намояд. Агар бо забони арабӣ натавонист хостаҳои машрӯъ ва орзуҳои неки худро баён созад, пас бо забони худаш дуо кунад.

Қуръони карим дар ҳидоят ва тарғиби муъминон ба дуо ва зикри Худо дар он фурсатҳои нодир мефармояд: **«Вақте маносики худро анҷом до-**

---

[1] Эълоуссунан. – Ҷ. 5. – С. 132.

[2] Сураи Бақара, 2: 199.

[3] **Машъарулҳаром** ар. المشعر الحرام, ҷои анҷом додани шаоири ҳаҷ ва дар истилоҳи ҷуғрофиёи фиқҳӣ ҳамон Муздалифа аст, ки дар Қуръон бо ин ном зикр шудааст. Худованд мефармояд: **«Вақте аз Арафот (ба сӯи Мино) равона шудед, пас Худоро дар канори Машъарулҳаром ёд намоед!»** (Бақара, 26:198). Муздалифа се ном дорад: Машъарулҳаром, Ҷамъ ва Муздалифа ва дар миёнаи Мино ва Арафот воқеъ шудааст. Машъарулҳаром (Муздалифа) ҳамааш ба ҷуз водии Муҳассар мавқиф аст ва ҳоҷиён шаби нуҳум ба даҳуми зулҳиҷҷа – шаби иди қурбонро дар он ҷо мегузаронанд ва саҳар пас аз намози бомдод яке аз маносики вочибии ҳаҷ – вуқуф дар Муздалифаро дар он анҷом медиҳанд.

Баъзеҳо бо истинод ба ҳадиси Ҷобир (рз) дар сифати ҳаҷҷи паёмбар (с) онро теғаи охир ва доманаи кӯҳи Қузаҳ дар васати Муздалифа донистаанд, ки дар ин сурат он бахше аз Муздалифа ба шумор меравад. *«Паёмбар (с)* (пас аз намози бомдод) *ба Машъарулҳаром (кӯҳи Қузаҳ) омад ва ба болои он баромад, сипас рӯй ба қибла овард ва ба дуо, таҳлил, такбир ва зикри ягонагии Худованд пардохт»* (Саҳеҳи Муслим, (1218)-147; Сунани Абудовуд, 1905. Ибораи «ба болои он баромад» ба ривояти Абудовуд аст ва дар ривояти Муслим вуҷуд надорад). Ба ҳар сурат Муздалифа ҳамааш, ба ҷуз водии Муҳассар, мавқиф аст ва вуқуф дар ҷойҳои дигараш низ дуруст аст.

[4] Бақара, 2: 198.

[5] ал-Азкори Нававӣ. – С. 165.

дед, пас Худоро ҳамон гуна ки падарони худро ёд менамоед ё сахттар аз он зикр намоед»[1] ва боз мефармояд: **«Ва Худоро дар рӯзҳои башумор зикр намоед»**[2] ва мурод аз рӯзҳои башумор дар ин оят айёми Мино ва ташриқ мебошад.

Ҳангоми тарки Арафот, вақти хориҷ шудан аз Муздалифа, пас аз тавофи фарзӣ ва ҳамчунин дар вақтҳои дигар дуо кунад, ки Худованд онро охирин дидор ва аҳди ӯ бо он маконҳо нагардонад, балки борҳо ва борҳо анҷоми маросими ҳаҷ ва зиёрати он маконҳоро барояш рӯзӣ бинад. **«Аллоҳумма, ло таҷъалҳу охира аҳдӣ биҳоза-л-мавқиф ва-рзуқниҳӣ абадан мо аҳяйтанӣ, ё арҳама-р-роҳимин!»**.

Барои ҳар даврe аз тавофи хонаи Каъба, саъй байни Сафо ва Марва ва ғайри инҳо, ҷуз он чи дар боло зикр шуд, аз паёмбари акрам (с) ва саҳобаи киром (рз) дуоҳои хоссе ривоят нашудааст ва шахси ҳаҷгузор ё умракунанда ҳар чи ба ҳолаш муносиб аст ва ҳар мушкил ва дархосте, ки дар зиндагӣ дорад, метавонад дар он маконҳои иҷобати дуо ба пешгоҳи Парвардгор арза намояд ва аз Ӯ таъоло умеди иҷобат дошта бошад. Ҳар дуое, ки шахс дар он маконҳо барои сарбаландӣ, саодат ва пешрафтҳои дунявӣ ва ухравии худ, хонавода ва миллаташ ба пешгоҳи Худованд менамояд, ба ҳар забоне, ки бошад, мамнӯият ва кароҳате надорад, балки дуо, бино ба фармудаи расули акрам (с), мағз ва ҷавҳари ибодат аст.

Ривоят шудааст, ки Умар (рз) дар аснои тавоф мардеро дид, ки мегуфт: «اَللّٰهُمَّ اجْعَلْنِي مِنَ الْقَلِيلِ – *Парвардгоро, маро аз он кам бигардон!*» Умар (рз) ба вай гуфт: Эй бандаи Худо, ин чӣ дуоест, ки мекунӣ!? Мард фармуд: Худойро шунидам, ки фармуда: **«Ва каме аз бандагони Ман шакур (шукргузор) ҳастанд»** (Сабаъ, 24:13), пас (дар ин мавзеи иҷобат) дуо дорам, ки Худо маро аз он каме, ки шукргузоранд, бигардонад. Умар (рз) гуфт: Ҳамаи мардум аз Умар донотар ва дар ривояте: фақеҳтаранд.[3]

Дуоҳои зеринро дар ҳар мавриде метавонад бихонад:

Аввал дуои қабули тооту ибодат, дуое, ки Иброҳим (а) ва фарзандаш Исмоил ҳангоми бинои хонаи Каъба ва бардоштани деворҳои он замзама мекарданд:

رَبَّنَا تَقَبَّلْ مِنَّآ ۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿١٢٧﴾

«Раббано, тақаббал минно, иннака анта-с-самиъу-л-ъалим! – Парвардгоро, аз мо қабул бифармо, ки Ту воқеан ҳам, шунавову доноӣ!» (Бақара, 2: 127)

رَبَّنَآ ءَاتِنَا فِى ٱلدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِى ٱلْـَٔاخِرَةِ حَسَنَةً
وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿٢٠١﴾

«Раббано, отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фил охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор».[4]

رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذْنَآ إِن نَّسِينَآ أَوْ أَخْطَأْنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا
تَحْمِلْ عَلَيْنَآ إِصْرًا كَمَا حَمَلْتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ
مِن قَبْلِنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلْنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦ ۖ
وَٱعْفُ عَنَّا وَٱغْفِرْ لَنَا وَٱرْحَمْنَآ ۚ أَنتَ مَوْلَىٰنَا
فَٱنصُرْنَا عَلَى ٱلْقَوْمِ ٱلْكَـٰفِرِينَ ﴿٢٨٦﴾

«Раббано, ло туохизно, ин насийно ав ахтаъно. Раббано, ва ло таҳмил ъалайно исран камо ҳамалтаҳу ъала-л-лазина мин қаблино. Раббано, ва ло туҳаммилно мо ло тоқата лано биҳи ваъфу ъанно вағфир лано варҳамно. Анта мавлоно фа-нсурно ъала-л-қавми-л-кофирин!

Парвардгоро, агар фаромӯш ё хатое кардем, моро (бо он) муохаза ва бозхост накун! Парвардгорамон, бар мо сангиниеро бор накун, он гуна ки онро бар пешгузаштагони аз мо бор намудӣ. Парвардгорамон, он чиро, ки тобу тавони онро надорем, бар мо таҳмил макун ва аз мо даргузар ва бароямон мағфират намо ва (бар) мо раҳм (меҳрубонӣ) ва раҳмат кун! Туӣ мавло (сарпараст, мадад-

[1] Бақара, 2: 200.

[2] Бақара, 2: 203.

[3] Мусаннафи Ибни Абушайба, 30128. Ҷ. 15. Китоби дуо. – С. 264. – Ҷадда, 2006.

[4] Ояти 201-уми сураи Бақара мебошад, ки дар идомаи оятҳои ҳаҷ омадааст ва авҷи розу ниёз ва иртиботи бандагони муъминро бо Худо нишон медиҳад: **«Парвардигоро, ба мо дар дунё ва охират (тамоми) хубиҳо (-ҳо)-ро ато фармо ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор».**

гор ва ягона ёвар)-и мо, пас моро бар қавми кофирон пирӯз гардон!» **(Бақара, 2: 286).**

رَبَّنَا فَٱغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَكَفِّرْ عَنَّا سَيِّـَٔاتِنَا وَتَوَفَّنَا
مَعَ ٱلْأَبْرَارِ ﴿١٩٣﴾ رَبَّنَا وَءَاتِنَا مَا وَعَدتَّنَا عَلَىٰ رُسُلِكَ
وَلَا تُخْزِنَا يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ ۗ إِنَّكَ لَا تُخْلِفُ ٱلْمِيعَادَ ﴿١٩٤﴾

«Раббано, фа-ғфир лано зунубано ва каффир ъанно саййиотино ва таваффано маъа -л-аброр. Раббано, ва отино мо ваъаттано ъало русулика ва ло тухзино явма-л-қиёмати, иннака ло тухлифу-л-миъод!

Парвардгоро, гуноҳонамонро бароямон мағфират кун ва бадиҳоямонро аз мо маҳв гардон ва моро бо некон бимирон! Парвардгоро, он ваъдаеро, ки ба (забони) фиристодагони худ бароямон карда будӣ, ба мо бидеҳ ва рӯзи қиёмат моро хор нагардон, ки Ту ҳаргиз ваъдаи Хеш хилоф накунӣ!» (Оли Имрон, 3: 193–194).

رَبَّنَآ ءَاتِنَا مِن لَّدُنكَ رَحْمَةً وَهَيِّئْ لَنَا
مِنْ أَمْرِنَا رَشَدًا ﴿١٠﴾

«Раббано, отино мин ладунка раҳматан ва ҳаййиъ лано мин амрино рашадо!

Парвардгоро, ба мо аз назди Худ раҳмате ато фармо ва бароямон дар корамон ростӣ, пешрафт ва ҳидояте бигардон!» (Каҳф, 18: 10).[1]

رَبَّنَا ٱصْرِفْ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَ ۖ إِنَّ
عَذَابَهَا كَانَ غَرَامًا ﴿٦٥﴾

«Раббана-сриф ъанно азоба ҷаҳаннама, инна азобаҳо кона ғаромо!

Парвардгоро, азоби ҷаҳаннамро аз мо бозгардон, ки азоби он воқеан ҳам, сӯзон ва зиёнбор аст!» (Фурқон, 25: 65).[2]

رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَٰجِنَا وَذُرِّيَّـٰتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ
وَٱجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا ﴿٧٤﴾

«Раббано, ҳаб лано мин азвоҷино ва зуррийётино қуррата аъюнин ваҷъално лил-муттақина имомо!

Парвардгоро, бароямон аз ҳамсараон ва зуррийя (фарзандон)-амон нур ва рӯшании чашмонамон ато фармо ва моро барои парҳезгорон имом ва пешво бигардон!» (Фурқон, 25: 74).[3]

رَبَّنَا وَسِعْتَ كُلَّ شَىْءٍ رَّحْمَةً وَعِلْمًا فَٱغْفِرْ لِلَّذِينَ
تَابُوا۟ وَٱتَّبَعُوا۟ سَبِيلَكَ وَقِهِمْ عَذَابَ ٱلْجَحِيمِ ﴿٧﴾
رَبَّنَا وَأَدْخِلْهُمْ جَنَّـٰتِ عَدْنٍ ٱلَّتِى وَعَدتَّهُمْ
وَمَن صَلَحَ مِنْ ءَابَآئِهِمْ وَأَزْوَٰجِهِمْ وَذُرِّيَّـٰتِهِمْ ۚ
إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٨﴾

«Раббано, васиъта кулла шайъин раҳматан ва илман, фағфир ли-л-лазина тобӯ ва-т-табаъӯ сабилака ва қиҳим азоба-л-ҷаҳим. Раббано, ва адхилҳум ҷанноти аднини-л-латӣ ваъаттаҳум ва ман салаҳа мин обоиҳим ва завоҷиҳим ва зуррийётиҳим, иннака анта-л-ъазизу-л-ҳаким!

Парвардгоро, тамоми чизро бо раҳмат ва илми Худ фаро гирифтай, пас барои онҳое, ки тавба карда ва пайрави роҳи Ту гардидаанд, мағфират намо ва онҳоро аз азоби ҷаҳим нигаҳ дор! Парвардгоро, ва онҳоро ба боғҳои ҷовидонаи биҳиштӣ, ки барояшон ваъда намудӣ, дохил кун ва касонеро аз падарон, ҳамсарон

[1] Он ҷавонмардоне, ки дар Қуръон бо номи асҳоби Қаҳф муаррифӣ гардидаанд, вақте дар кори даъвати худ ба мушкил рӯ ба рӯ гаштанд, бо ин дуо ба даргоҳи Худо рӯй оварданд ва Худованд ҳам дар ояти 16-уми ҳамин сура ба онҳо ваъда дод, ки: «Шумо ба Каҳф паноҳ баред, Худо бароятон аз раҳмати Худ мегустарад ва бароятон дар коратон фаровонӣ ва равнақе фароҳам меовард!». Бинобар ин, муъминон ин дуоро ҳамеша барои рафъ ва ҳалли мушкили худ хонанд.

[2] Яке аз сифоти неки бандагони Худои Раҳмон, чуноне дар ин сура баён гардида, он аст, ки ҳамеша аз азоби дӯзах бимноканд ва аз Парвардгор наҷоти худро аз он мехоҳанд.

[3] Сифати дигари бандагони Худои Раҳмон он аст, ки ҳамвора аз Худо бо ин дуо сарбаландӣ, пешрафтҳои маънавӣ ва камолоти инсониро барои тамоми аҳли хонавода ва фарзандонашон мехоҳанд.

ва фарзандонашон низ, ки солеҳ будаанд, ки Ту воқеан ҳам, Туӣ тавонову ҳаким!» (Ғофир, 40:7–8).[1]

رَبَّنَا عَلَيْكَ تَوَكَّلْنَا وَإِلَيْكَ أَنَبْنَا وَإِلَيْكَ ٱلْمَصِيرُ ۝٧
رَبَّنَا لَا تَجْعَلْنَا فِتْنَةً لِّلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَٱغْفِرْ لَنَا رَبَّنَآ
إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ۝٨

«Раббано, ъалайка таваккално ва илайка анабно ва илайка-л-масир. Раббано, ло таҷъално фитнатан ли-л-лазина кафарӯ вағфир лано Раббано! Иннака анта-л-ъазизу-л-ҳаким!

Парвардгоро, бар Ту таваккул намудем ва ба сӯи Ту инобат (тавба ва бозгашт) кардем ва ба сӯи Туст бозгашт! Парвадгоро, моро гирифтор ва мафтуни онҳое, ки кофир гаштаанд, нагардон, Парвардгорамон! Ту воқеан ҳам, Туӣ тавонову ҳаким!» (Мумтаҳана, 60:4–5).

رَبَّنَآ أَتْمِمْ لَنَا نُورَنَا وَٱغْفِرْ لَنَآ إِنَّكَ عَلَىٰ
كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ۝٨

«Раббано, атмим лано нурано вағфир лано, иннака ъало кулли шайъин қадир!

Парвардгоро, нурамонро бароямон тамом (пурра ва комил) бигардон ва бароямон мағфират намо, ки Ту бар ҳар чизе қодир ва тавоноӣ» (Таҳрим, 66:8).

«Аллоҳумма, иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва ло яғфиру-з-зунуба илло анта. Фағфир лӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ, иннака антал ғафуру-р-раҳим».[2]

«Аллоҳумма, ё муқаллибал қулуби, саббит қалбӣ ъало диника».

«Аллоҳумма, иннӣ асъалука муҷиботи раҳматика ва ъазоима мағфиратика ва-с-саломата мин кулли исмин вал ғанимата мин кулли биррин вал фавза бил ҷаннати ва-н-наҷота мина-н-нор».

«Аллоҳумма, иннӣ асъалукал ҳудо ва-т-туқо вал ъафофа вал ғино».[3]

«Аллоҳумма, аъиннӣ ъало зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибодатика».

«Аллоҳумма, иннӣ асъалука минал хайри куллиҳи мо ъалимту минҳу ва мо лам аълам ва аъӯзу бика мина-ш-шарри куллиҳи мо ъалимту минҳу ва мо лам аълам. Ва асъалукал ҷанната ва мо қарраба илайҳо мин қавлин ав ъамал ва аъӯзу бика мина-н-нори ва мо қарраба илайҳо мин қавлин ав ъамал».[4]

Аммо пеш аз дуо лозим аст корҳои зеринро риоя намояд, то заминаи пазириши дуо фароҳам гардад:

1. Аз тамоми гуноҳу маъсиятҳо даст бардорад ва ба сӯи Худо бозгашт (тавба) намояд. Аз гузашта пушаймонӣ ва азми бознагаштан ба онро намояд.

Гар уҷб зи мавқифи дилат дур шавад,
Ҳаҷҷи туву умраи ту мабрур шавад!

Як вақфа тавофи Каъбаи амраш кун,
То саъйи ту дар тавоф машкур шавад!

2. Ихлос ва аз худгузаштагӣ барои Худо намояд ва танҳо ризои Ӯро дар назар бигирад.

Дар дил ҳама ширку рӯй бар хок чӣ суд,
Бо ҷисми палиду ҷомаи пок чӣ суд!?

Заҳр аст гуноҳу тавба тарёки вай аст,
Чун заҳр ба ҷон расид, тарёк чӣ суд!?

---

[1] Ҳомилони Арши Парвардгор ва касоне, ки перомуни он ҳастанд, Худоро ҳамроҳ бо ҳамдаш тасбеҳ мегӯянд, барои муъминон омурзиш мехоҳанд ва бароямон бо ин дуо аз Парвардгор талаби хайр мекунанд, пас чӣ зебост, ки муъминон ҳам барои худ бо он дуо талаби хайр ва орзуи нек намоянд!

[2] Дуое мебошад, ки расули Худо (с) онро ба Абубакр (рз) таълим дода буд, то дар намозаш бихонад: ***«Парвардигоро, ман бар нафси худ зулми бисёр намудам, дар ҳоле ки касе ғайр аз Ту гуноҳонро намебахшад. Пас маро бо мағфирате аз назди худ мавриди омурзиш қарор деҳ ва бар ман раҳм кун. Воқеан ҳам, Туӣ омурзандаи меҳрубон!»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 834, 6326, 7388. Саҳеҳи Муслим, 6809 (2705)-48).

[3] Саҳеҳи Муслим, 6842 (2721)-72. Сунани Тирмизӣ, 3489. Паёмбар (с) ин дуоро бисёр мегуфт: ***«Парвардигоро, ман (сабот дар) роҳи рост, парҳезкорӣ, покдоманӣ ва бениёзиро аз Ту хоҳонам»***.

[4] Бақияи дуоҳо аз китоби ал-Азкори Нававӣ гирифта шудаанд. с. 163.

3. Фармудаҳои Худоро ба ҷо оварад ва аз боздоштаҳояш дурӣ ҷӯяд.

4. Дар ғояти тазаллул (фурӯтанӣ) ва дар ҳолати ниёз ба сӯи Худо муроҷиат намояд.

Эҳроми дараш гиру дило, фармон кун,
В-андар Арафоти нестӣ ҷавлон кун!

Хоҳӣ, ки туро Каъба кунад истиқбол,
Мойиву маниро ба Мино қурбон кун!

5. Таому шароб ва пӯшишаш аз ҳалол ва нафақаву пулаш аз моли пок бошанд, зеро Худованд пок аст ва ҷуз покизагӣ чизеро намепазирад.

То нони ҳарому оби якрӯзаи мо,
Берун нашавад зи косаву кӯзаи мо.

Механдад рӯзгору мегиряд умр,
Бар тоату бар намозу бар рӯзаи мо!

6. Лаҳзаҳои беҳтарин ва маконҳои покро ғанимат бидонад, зеро некиҳо дар он афзоиш меёбанд ва навозишҳои илоҳӣ шомили ҳолаш мешаванд.

7. Ҳамду санои Худованд ва дуруду салом ба паёмбар (с)-ро дар муқаддимаи дуои худ ҷой диҳад. Яъне пеш аз арзи ниёз ва ҳоҷати худ аввал Худоро бо тамоми хубиҳо ситоиш намояд ва бар паёмбари акрам (с) салавот фиристад. Риояи чунин одобе дуоро ба иҷобат наздиктар месозад.

8. Худоро бо номҳои накӯ ва сифатҳои бузургаш бихонад.

9. Хоста ва ниёзи худро ба таври қатъӣ матраҳ намояд ва ба қабул гардидани дуояш яқин дошта бошад.

10. Ба такрор ва пайгирона дуо намояд, зеро Худо дуои чунин шахсро хуш дорад.

Дигарон низ метавонанд барои худ аз шахси ҳаҷгузор талаби дуо намоянд. Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд:

اذا لَقِيت الْحاجَّ فَسلِّمْ عَليهِ وَصافِحْهُ وَمُرْهُ
أَنْ يسْتَغْفِر لَكَ قبْلَ أَنْ يَدْخُلَ بَيْتَهُ
فإِنَّهُ مَغْفُورٌ لَهُ.

«Вақте ба ҳоҷӣ (касе, ки тоза аз сафари ҳаҷ баргаштааст) дидор намудӣ, ба ӯ салом бидеҳ ва даст ба даст бо ӯ мулоқот намо ва пеш аз он, ки ба хонаи худ бирасад, аз ӯ талаби дуои мағфират кун, зеро ӯ дар мақоме аст, ки гуноҳонаш омурзида шудаанд (ва умед аст, ки дуои вай пазируфта шавад)».[1]

[1] Муснади имом Аҳмад, 5348, 6077. – Ҷ. 2. – С. 181, 284.

Фасли даҳум

ҲАҶҶИ ПАЁМБАРИ ИСЛОМ (С)

Паёмбари акрам (с) рӯзи 25-ум ва ё 26-уми моҳи зулқаъда, рӯзи шанбе ғусл карда, либос пӯшид[1] ва пас аз намози пешин аз Мадина хориҷ шуд ва ба ҳамаи ҳамсарони поки худ дастур дод, то бо эшон ҳамроҳ шаванд. Паёмбар (с) ба Зулҳулайфа, ки дар фосилаи шашмилӣ аз Мадина қарор дорад ва миқотгоҳи аҳли Мадина мебошад, ташриф оварда, намози асрро ба сурати намози қаср ду ракъат ба ҷой овард. Шабро дар он ҷо гузаронида, рӯзи дигар аз нав ғусл гирифт. Оиша (рз) бо дасти худ ба он ҳазрат (с) атр ва хушбӯӣ зад.[2] Сипас ду ракъат намоз хонда, бар шутури худ (Қасво) савор шуд ва ба Байдо (номи маконе) омад. Он ҷо эҳром баста, бо садои баланд чунин талбия гуфт:

لَبَّيكَ اللَّهُمَّ لَبَّيك، لَبَّيكَ لا شَرِيكَ لَكَ لَبَّيك،
إنَّ الْحَمْد والنِّعْمة لَكَ والملك، لا شَرِيك لَك.

«Эй Худо, мо даъвати Туро пазируфтем ва дар пешгоҳат эътироф менамоем, ки ҳеҷ касро шарики худоии Ту намедонем. Тамоми хубиҳо ва неъматҳо аз Туанд ва дар қаламрави ҳукмат касе бо Ту шарик нест».

(Он ҳазрат (с)) пеш аз ҳаракат дар мавриди эҳроми ҳаҷ, воҷибот ва суннатҳои он суханронӣ кард.

ДАР МАККА

Вақте ба «Сараф» (سرف) ё «Сариф» (صريف) (номи ҷое дар наздики Макка) расид, таваққуф намуда, ғусл кард. Рӯзи баъд, ки якшанбе ва чаҳоруми зулҳиҷҷа буд, бомдодон аз қисмати шимолии Макка вориди он шаҳр гардид. Ин сафар аз Мадина то Макка нуҳ рӯз идома ёфт.

Чоштгоҳон ба масҷид расид ва ҳамин ки чашмаш ба хонаи Каъба афтод, фармуд:

اللّهمّ زِدْ بَيتك هذا تشريفًا وتعظيمًا
وتكريمًا ومَهابَة

«Бор Илоҳо! Бар шарофату азамат ва бузургдошту маҳобати хонаи худ биафзой».

Дастҳоро баланд карда, такбир мегуфт ва ин дуоро мехонд:

اللّهمَّ أَنت السَّلام ومِنْك السَّلام،
حيِّنا ربّنا بالسَّلام

ТАВОФИ ХОНАИ КАЪБА

Сипас он ҳазрат (с) ба сӯи хона рафт ва дар рӯ ба рӯӣ Ҳаҷаруласвад истод ва пас аз истилом ва бӯсидани он аз ҷониби рост ба тавофи хонаи Каъба пардохт. Се давр шитобон ва чаҳор давр оҳиста дар атрофи Каъба тавоф намуда, пас аз он ба ҷониби «Мақоми Иброҳим» рафт ва ин оят:

... وَٱتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبۡرَٰهِـۧمَ مُصَلًّى ...

«Аз Мақоми Иброҳим барои худ намозгоҳе бигиред»-ро хонд.[3] Он гоҳ Мақомро дар миёни худ ва хонаи Худо қарор дода, ду ракъат намоз хонд. Дар он ду ракъат (сураҳои) **«Қул ҳувал-лоҳ»** ва **«Қул ё айюҳа-л-кофирун»**-ро қироат

[1] Мустадраки Ҳоким, 1680. – Ҷ. 2. – С. 93. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8727. – Ҷ. 5. – С. 33. Саҳеҳи Бухорӣ, 1709, 1720. Саҳеҳи Муслим, (1211)-125.

[2] Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим ҳадисҳои зиёде дар ин бора аз Оиша (рз) ривоят шудааст. Табақоти Ибни Саъд, зикри Ҳаҷҷатулвадоъ. – С. 124.

[3] Сураи Бақара, 2: 125.

намуд. Пас аз он ба сӯи рукни ямонӣ бозгашт ва онро масҳ намуд ва бо ҳамин ба тарафи Сафо хориҷ шуд. Ҳамин ки ба Сафо наздик шуд, ояти:

إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلْمَرْوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِ ۖ فَمَنْ حَجَّ ٱلْبَيْتَ
أَوِ ٱعْتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَا ۚ
وَمَن تَطَوَّعَ خَيْرًا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾

«Бегумон, саъйи байни **Сафо ва Марва аз** ҷумлаи **шаоири дини илоҳист»**-ро тиловат намуда[1], фармуд: ***«Аз ҳамон чизе, ки Худованд дар оят шурӯъ намудааст, (яъне Сафо), ман ҳам саъйро аз ҳамон шурӯъ менамоям».***[2]

САЪЙ БАЙНИ САФО ВА МАРВА

Болои кӯҳи Сафо баромад, он ҷое, ки хонаи Худо дида мешуд ва рӯй ба қибла намуда, Худоро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд кард. Сипас, фармуд:

لااله الاالله وحده لاشريك له، له الملك وله الحمد،
وهو على كلّ شيءٍ قدير. لااله الا الله وحده،
انجَز وعْدَه، ونَصَرَ عَبده وهزم الاحزاب وحدَه.

«Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Худо вуҷуд надорад. Ӯ (дар рубубият, улуҳият ва сифоташ) якто аст ва ҳеҷ шарике надорад. Моликият фақат барои Ӯ ва ҳамд танҳо лоиқи Ӯст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Ӯ нест. Ӯ яктост. Ваъдаи худро қатъӣ ва муҳаққақ сохт ва бандаашро ёрӣ дод ва аҳзобро (касонеро, ки дар рӯзи Ҳандақ бо паёмбар ҷанг карданд) танҳо худ шикаст дод». Ин зикрро се бор хонд ва дар миёни онҳо (пас аз ҳар бор) дуо мекард.

Пас аз он ба тарафи Марва поин омад ва ҳамин ки ба **«батни водӣ»** (миёнаи Сафо ва Марва) расид, шурӯъ ба давидан намуд. Боз суръати худро муътадил намуда, ба сурати маъмулӣ ҳаракат кард, то ба Марва расид. Тамоми корҳо ва дуоҳоеро, ки дар Сафо анҷом дода буд, дар Марва низ такрор намуд.

Он ҳазрат (с) умраро ба ҷо оварданд, аз тавофи Хона ва саъйи байни Сафо ва Марва фориғ шуданд ва ба касоне, ки чорвои қурбонӣ бо худ надоштанд, дастур дод, то умраи худро тамом кунанд ва бо тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сарҳояшон аз эҳром берун оянд.

Алӣ (рз), ки қаблан ба Яман фиристода шуда буд, дар ҳамон мавқеъ бо корвони ҳоҷиёни Яман вориди Макка гардид. Ӯ низ, ки ҳамроҳи худ чорвои қурбонӣ оварда буд, аз эҳром хориҷ нашуд.

Маҷмӯи шутурҳое, ки паёмбар (с) аз Мадина оварда ва шутурҳое, ки Алӣ барои вай аз Яман оварда, сад сар буданд. Ба ҷуз паёмбар (с) ва касоне, ки ҳамроҳи худ ҳадӣ (қурбонӣ) доштанд, дигар тамоми мардум мӯи сарашонро кӯтоҳ намуда, аз эҳром хориҷ шуданд.

Расули акрам (с) рӯзҳои якшанбе, душанбе, сешанбе ва чоршанбе, яъне аз чаҳорум то ҳафтуми зулҳиҷҷаро дар Макка гузаронид.

БА СӮИ МИНО ВА АРАФОТ

Рӯзи панҷшанбе ҳангоми чошт, рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа, ки ба рӯзи тарвия маъруф аст, расули Худо (с) ҳамроҳи тамоми мусулмонон ба Мино рафтанд ва намози пешинро дар он ҷо гузориданд.

Шаби ҷумъаро он ҷо гузаронида, рӯзи дигар, нуҳуми зулҳиҷҷа ҳангоми тулӯи офтоб ба сӯи Арафот ҳаракат карданд. Худованд ба онҳо дастур дод:

ثُمَّ أَفِيضُوا۟ مِنْ حَيْثُ أَفَاضَ ٱلنَّاسُ ...

«(Дар бозгашт аз Арафот) аз ҳамон ҷое, ки мардум (ба сӯи Муздалифа ва Мино) ифоза (бозгашт) менамоянд, бозгашт намоед».[3]

Он ҳазрат (с) бо оммаи мусулмонон ба Арафот омаданд ва эълом намуданд:

قِفُوا فِي مَشاعِرِكُمْ فإنَّكمْ عَلى إرْثٍ
مِنْ إرث أبيكم إبراهيم

[1] Сураи Бақара, 2: 158.
[2] Сураи Бақара, 2: 158.
[3] Сураи Бақара, 2: 199.

«Бар маконҳои муқаддаси худ биистед, чун шумо бар яке аз ёдгориҳо ва мероси падаратон Иброҳим қарор доред» .[1]

Яъне вуқуф (истодан) дар Арафот яке аз ёдгориҳои маросими ҳаҷҷи Иброҳим (а) аст. Вай ин ҷойро барои чунин мақсад таъйин намуда буд.

Хаймаи он ҳазрат (с), ки пешакӣ дар Намира зада шуда буд, ҳамон ҷо фуруд омад. Пас аз завол (нисфирӯзӣ) бар шутураш Қасво савор гардида, ба миёни майдони Арафот омад. Дар ин ҷойгоҳ аз болои шутур хутбаи муҳимме эрод фармуд, ки дар зимни он усул ва аркони исломро шарҳу тавзеҳ дода, асоси ширку ҷоҳилиятро сарнагун эълом намуд.

ВУҚУФ ДАР АРАФОТ

Пас аз итмоми хутбае дар Арафот ба Билол дастури азон дод ва намози пешин ва асрро дар як вақт ва ду ракъатӣ баргузор намуданд. Он рӯз рӯзи ҷумъа буд.

Баъд аз адои намоз бар шутури худ савор гашта, ба мавқиф[2] ташриф овард ва дар ҳамон болои шутур рӯ ба қибла истода, то дергоҳ ба дуову тазаррӯъ ва изҳори аҷзу ниёз дар пешгоҳи Парвардигор машғул гардид.

БА СӮИ МУЗДАЛИФА

Вақте офтоб фурӯ рафт, аз Арафот ҳаракат намуд. Он ҳазрат (с) Усома писари Зайдро пушти сари худ бар шутур савор намуда, лаҷоми шутурро ба тарафи худ кашид, то он ҷо, ки сари шутур наздик буд ба пеши каҷова[3] бирасад. Бар асари издиҳом ва ба ҳаракат даромадани он ҷамъияти азим дар миёни мусулмонон изтиробе ба вуҷуд омад. Он ҳазрат (с) мардумро бо дасти рост ва дар Бухорӣ омадааст, ки бо тозиёна ишора мекард, ки оҳиста бошанд, оромиро риоя намоянд ва бо забон фармуд:

السَّكِينةَ أيُّها النَّاسُ، السَّكِينةَ أيُّها النَّاسُ!

«Эй мардум! Бо оромӣ ва итминон ҳаракат кунед».[4]

Дар тӯли роҳ талбия мегуфт ва то расидан ба Муздалифа талбияро идома дод. Дар Муздалифа Билолро дастур дод, ки азон бигӯяд. Билол азон ва иқома гуфт. Он ҳазрат (с) намози шомро пеш аз хобонидани шутурҳо ва гузоштани борҳо бар замин ба ҷой оварад.

Ҳамин ки мардум борҳои худро бар замин ниҳоданд, намози хуфтанро баргузор намуданд. Ва баъд аз намози хуфтан то бомдод истироҳат карданд.

Фардои он шаб намози бомдодро дар аввали вақти субҳ хонда, бар шутурашон савор шуданд ва ба Машъарулҳаром омаданд. Паёмбар (с) дар он ҷо рӯй ба қибла намуда, то равшан шудани ҳаво ба дуову тазаррӯъ, такбиру таҳлил ва зикр машғул шуд.

Он гоҳ пеш аз тулӯи офтоб ҳамроҳи мардум ба тарафи Мино ҳаракат карданд. Ин дафъа Фазл ибни Аббос ҳамроҳи он ҳазрат (с) бар шутур савор буд ва паёмбари ислом (с) дар тӯли роҳ такрор ба такрор талбия мегуфт.

Расули Худо (с) ба писари Аббос, ки писарбачаи хурдсол буд, фармуд, то барои ӯ ҳафт сангреза барчинад. Вақте онҳо ба миёнаи Водии Муҳассар расиданд, шутурро ҳаракат дода, тезтар ронданд, зеро дар ҳамин водӣ бар асҳоби Фил азоби Худо нозил гардида буд. То ин ки ба Мино расиданд ва аз он ҷо ҳамчунон савори шутур ба Ҷамраи Ақаба омаданд. Расули Худо (с) пас аз тулӯи офтоб рамйи ҷимор (сангрезаҳои худро бар шайтон партоб) намуда ва бо шурӯи партоби сангҳо талбиягӯиро бас карданд.

ДАР МИНО

Он гоҳ дубора ба тарафи Мино баргашт ва барои мардум суханронӣ кард. Зимни он мардумро аз эҳтиром ва бузургдошти рӯзи Наҳр

[1] Сунани Абудовуд, 1919. Сунани Тирмизӣ, 883.

[2] **Мавқиф** ар. المَوْقِفْ, ҷои вуқуф ва истодан дар саҳрои Арафот. Дар ин ҷойгоҳ расули акрам (с) то дергоҳ машғули дуо буд. Ин ҷойгоҳ маъруфу мушаххас аст. Тамоми саҳрои Арафот, ба ҷуз батни Урана, мавқиф ба шумор меравад. Паёмбар (с) наздики саҳра (санги бузург ва паҳне), ки дар миёни саҳрои Арафот ва дар поёни Ҷабали Раҳмат воқеъ гардидааст, истода буд.

[3] Каҷова ҳамон зинест, ки маъмулан аз чӯб сохта шуда, болои шутур гузошта мешавад, то роҳати бештареро барои шутурсаворон фароҳам намояд.

[4] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абудовуд, 1905. Сунани Ибни Моҷа, 3074.

(рӯзи ид) огоҳ намуд ва дар бораи арзише, ки ин рӯз дар пешгоҳи Худованд дорад, тавзеҳоте дод. Ҳамчунон, дар бораи эҳтиром ва фазилати Макка бар дигар шаҳрҳо таъкид намуда, хитоб ба онҳо фармуд:

خذوا عنّي مناسككم

«Маносик ва аҳкоми ҳаҷро аз ман ёд бигиред».[1]

Ҳамчунин, таъкид намуд, ки мабодо пас аз ӯ роҳи куфрро дубора баргузинанд ва гардани якдигарро бизананд. Ҳамчунин, илова ва таъкид намуд, ки ин матолибро ба дигарон низ бирасонанд.

ҚУРБОНӢ

Он гоҳ ба забҳгоҳ рафт ва фармуд: Барои қурбонӣ ҷои махсусе аз Мино ихтисос дода нашудааст, балки дар тамоми ҳудуди (Ҳарам аз) Мино ва Макка қурбонӣ дуруст аст. Пас аз он бо дасти худаш шасту се (63) шутурро қурбонӣ кард. Сипас, Алӣ (рз)-ро ба забҳи шутурҳои боқимонда вазифадор намуда, ӯро дар қурбониҳо бо худ шарик гардонид. Паёмбар (с) ҳамроҳи худ аз Мадина шаст шутур ва ё шасту се шутур барои қурбонӣ оварда буд. Алӣ (рз) низ аз Яман чиҳил шутур ва ё камтар аз он бо худ оварда буд, ки дар маҷмӯъ бо шутурони қаблӣ сад шутурро ташкил медоданд.

Пас аз забҳи қурбониҳо паёмбар (с) фармуд, то аз ҳар кадоме аз он сад шутур порчаи гӯште гирифта, дар деге биандозанд ва якҷоя бипазанд. Баъд аз пухтан он ҳазрат (с) аз оби он шӯрбо дар зарфе бардошта, хӯрд.

ТАРОШИДАНИ МӮЙ САРИ ОН ҲАЗРАТ (С)

Пас аз қурбонӣ Маъмар ибни Абдуллоҳро хост ва ӯ мӯи сари муборакашонро тарошид. Он ҳазрат (с) аз фарти муҳаббат қабзае аз мӯйҳои худро ба Абуталҳаи Ансорӣ ва ҳамсараш Уммисулайм дод ва миқдоре ба касоне, ки дар он ҷо нишаста буданд, иноят фармуд. Мӯйҳои боқимондаашро Абуталҳа дар миёни мусулмонон тақсим кард.[2]

ТАВОФИ ИФОЗА

Пас аз он паёмбар (с) аз Мино ба сӯи Макка ҳаракат кард ва тавофи ифозаро анҷом дод. Намози пешинро дар Макка хонд ва ба назди фарзандони Абдулмутталиб, ки аз чоҳи Замзам об мекашиданд, рафт. Вазифаи об додани ҳоҷиён аз чоҳи Замзам ба уҳдаи хонадони Абдулмутталиб буд. Он ҳазрат (с) фармуд: ***«Эй фарзандони Абдулмутталиб! Об бикашед. Агар бими он набудам, ки мардум дар кашидани об ба шумо фишор меоваранд (ба гумони ин ки боло кашидани оби Замзам бахше аз маносики ҳаҷ аст), ман ҳам бо шумо об мекашидам».*** Пас сатиле аз оби Замзам барояш оварданд ва аз он нӯшид.[3] Бо ҳамин, аз Макка ба Мино бозгашт.

АЙЁМИ ТАШРИҚ ДАР МИНО

Бақияи айёми ташриқ, яъне то дувоздаҳуми зулҳиҷҷа дар Мино боқӣ монд. Ҳар рӯз баъд аз заволи офтоб ба минтақаи Ҷамарот омада, рамӣ (партоби сангреза) мекард. Дар Сунани Абудовуд (боби хутба дар Мино) ҳадисе зикр гардидааст. Аз он ҳадис маълум мешавад, ки он ҳазрат (с) дар рӯзи дувоздаҳуми зулҳиҷҷа низ дар Мино хутбае эрод намуд, ки матолиби он ба таври мухтасар ҳамон матолиби хутбаи қаблӣ аст.

Рӯзи сешанбе, сездаҳуми зулҳиҷҷа баъд аз заволи офтоб ва партоби сангҳои сегона аз он ҷо ба водии Муҳассаб ташриф оварда[4] ва шабро дар он ҷо гузаронд. Рӯзи дигар ба Макка баргашт ва охирин тавофи хонаи Каъбаро ба ҷой овард.

---

[1] Сунани Куброи Байҳақӣ, 9608. – Ҷ. 7. – С. 275.

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Анас ибни Молик (рз) дар ин бора ривоят шудааст: ***«…Он ҳазрат (с) пас аз забҳи қурбонӣ ба сартарош бо ишора ба ҷониби рости сараш гуфт: Бигир ва онро ба Абуталҳа дод. Пас аз он тарафи чапашро гирифт ва ба Абуталҳа гуфт: Онро дар байни мардум тақсим кун»*** (Саҳеҳи Муслим, (1305)-326. Сунани Тирмизӣ, 912).

[3] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абудовуд, 1905.

[4] Номи дигари водии Муҳассаб Абтаҳ ва Хифи бани Кинона аст.

БОЗГАШТ БА МАДИНА

Пас аз он корвонҳои ҳоҷиён ба сӯи шаҳрҳо ва сарзаминҳои худ ба роҳ афтоданд ва он ҳазрат (с) ҳамроҳи муҳоҷирону ансор ба сӯи Мадина ба роҳ баромад.

Вақте ба Зулҳулайфа расид, шабро дар он ҷо ба сар бурд. Субҳ ҳангоми тулӯи офтоб қофилаи набавӣ вориди Мадинаи мунаввара гардид. Чун чашми он ҳазрат (с) ба Мадина афтод, фармуд:

اللهُ أكبرُ، لا إله إلاَّ اللهُ وحْدهُ لا شَرِيك له، له الملكُ وله الحَمدُ وهو على كُلّ شيءٍ قديرٌ. آئبُون تائِبُون، عابِدُون ساجِدُون، لِربِّنا حامِدُون، صَدَق اللهُ وَعْدهُ، نَصَر عَبْدهُ وهَزَم الأحزاب وَحْدهُ.


«Худованд бузургу бартар аст, ҷуз Ӯ дигар маъбуде нест, шарик ва ҳамтое надорад. Мулк, салтанат ва ҳамду сано Ӯрост ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Тавбакунон, итоаткунон, саҷдакунон ва Парвардигори худро ситоишкунон бармегардем. Худо ба ваъдаи худ вафо кард, бандаи худро нусрат дод ва тамоми аҳзоб ва гурӯҳҳоро ба танҳоӣ шикаст дод».[1]

Барои огоҳии бештар аз масоил ва аҳкоми ҳаҷ ва ҳамин тавр мутолиаи муфассали фалсафаи он, лутфан, ба китоби «Ҳаҷ: таърих, моҳият, маносик ва аҳкоми он» аз худи муаллиф мурочиат намоед!

[1] Абдуллоҳ ибни Умар (рз) мегӯяд: ***«Вақте расули Худо аз сафаре бармегашт, се бор «Аллоҳу акбар» мегуфт ва ҳамин дуоро мехонд»*** (Саҳеҳи Муслим, (1344)-428).



АҲВОЛИ ШАХСӢ



Бахши аввал

ЗАН ВА ХОНАВОДА ДАР ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

إِنَّ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ يَهْدِى لِلَّتِى هِىَ
أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ
ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا كَبِيرًا

«Ин Қуръон, дар ҳақиқат, ба роҳи усту вор ҳидоят менамояд ва он муъминоне ро, ки (амалҳои) солеҳ анҷом медиҳанд, ба подоши бузурге мужда медиҳад»
(Сураи Исро, 17: 9).



ХУСУСИЯТҲОИ НИЗОМИ ИСЛОМ

Аз ҷумлаи бартариятҳои низоми ислом бар қонунҳои башарӣ он аст, ки барои одамӣ каромат ва ҳайсияти инсонии хоссе қоил шуда, ӯро боарзиштарин офаридаи илоҳӣ ва гули сари сабади мавҷудот дар занҷираи офариниш медонад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Ва дар воқеъ, ба фарзандони одам (навъи башар) каромат бахшидем…».**[1]

Бинобар ин, тамоми арзишҳои имонӣ ва аҳком (қонунҳо)-и шаръӣ, ки фазои зиндагонии инсонро дар бахшҳои гуногун зери пӯшиш қарор додаанд, барои таъмин ва таҳкими пояҳои каромати инсонӣ барномарезӣ шудаанд, чизе, ки дар қонунҳои вазънамудаи дасти башар ба он таваҷҷуҳе нашудааст.

Дар қонунҳое, ки тавассути чакидаҳои фикри инсон поягузорӣ шудаанд, танҳо таъмини озодиҳои ҷисмӣ ва фароҳам гардидани шароити баҳрамандиҳои моддии инсон бештар мавриди назар қарор гирифтааст. Дар ин марзбандиҳои фикрӣ, ба ҷуз каромати инсон, дигар ҳама чиз ба гунае мавқеияти қонунии худро пайдо намудааст.

Оре, бо номи арзишҳои маънавӣ барномаҳои фарҳангие вуҷуд доранд, ки на танҳо дар таъмин ва таҳкими пояҳои каромати инсонӣ таъсире надоранд, балки аз назари шаръ комилан бар хилофи шаъну шараф ва каромати инсонии ӯ мебошанд.

Аз ман, эй боди сабо, гӯй ба донои фаранг,
Ақл то бол кушудаст, гирифтортар аст.
Барқро ин ба ҷигар мезанад, он ром кунад,
Ишқ аз ақли фусунпеша ҷигардортар аст.

Чашм ҷуз ранги гулу лола набинад, варна,
Ончи дар пардаи ранг аст, падидортар аст.
Аҷаб он нест, ки эъҷози Масеҳо дорӣ,
Аҷаб ин аст, ки бемори ту бемортар аст!

Дониш андӯхтаӣ, дил зи каф андохтаӣ,
Оҳ з-он нақди гаронмоя, ки дарбохтаӣ!
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Нақши Фаранг)

Муҳимтарин бартарии низоми ислом бар қонунҳои башарӣ дар он аст, ки барои ташаккули шахсияти инсон ва ба вуҷуд овардани пойгоҳи устуворе барои ҳифзи каромати ӯ дар ботини шахс тарҳи ибодатҳо ва барномаи худопарастиро пешбинӣ намудааст. Ин барномаи худопарастӣ василаи ивазнопазире дар фароҳам овардани заминаҳои рушди зеҳнӣ, ташаккули шахсияти солим, тазкияи нафс (худсозии инсон), ҳифзи каромати инсон ва парвариши рӯҳиёти нек дар одамӣ мебошад.

Қонунҳои маданӣ ва ғайра дар маҷмӯаи аҳкоми динӣ бар меҳвари каромати инсонӣ ва бар таҳдоби шахсияти худшинос ва худопарасти ӯ барномарезӣ шудаанд ва ин бузургтарин нақси қонунгузориҳои башарӣ мебошад, ки ба ҳеҷ чизе ҷои онро пур карда наметавонанд.

[1] Сураи Исро, 17: 70.

Дар кишварҳое, ки бар зидди арзишҳои динӣ, шаъоири исломӣ ва барномаи худопарастии он дар ҷомеа мубориза мебаранд, ин ба он маъност, ки бар зидди каромати инсонӣ, фазилатҳои ахлоқӣ ва ташаккули одамият дар он мубориза мебаранд.

БИНОИ ХОНАВОДА

Хонавода яке аз ҳалқаҳои муҳимми ҷомеа, мактабе барои парвариши дурусти шахс ва василаи ҳифзи бақо ва идомаи ҳаёт дар рӯи замин аст. Бинобар ин, дини мубини ислом ба бинои хонаводаи солим аҳаммияти ҷиддие додааст. Ба гуфтаи шоир:

Нағмахез аз нағмаи зан сози мард,
Аз ниёзи ӯ ду боло нози мард.
Пӯшиши урёнии мардон зан аст,
Ҳусни дилҷӯ ишқро пероҳан аст.

Ишқи Ҳақ парвардаи оғӯши ӯ,
Ин наво аз захмаи хомӯши ӯ.
Он ки нозад бар вуҷудаш коинот,
Зикри ӯ фармуд бо тибу салот.[1]
Муслиме, к-ӯро парасторе шумурд.
Баҳрае аз ҳикмати Қуръон набурд.

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт)

Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияте, ки масоили никоҳ, ширхорагӣ ва талоқ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва хонаводагии инсонҳо доранд ва бо назардошти ниёзи мубрами мардум ба доштани шинохти воқеӣ ва бардошти дурусте аз аҳкоми шариати ислом дар робита бо ин бахш аз масоили фиқҳӣ ва бо дарки мизони умқнигарӣ ва арзёбиҳои дақиқи донишварони исломӣ дар баррасии паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт бахши шашуми китобро, ки шомили чанд мавзӯъ дар заминаи бунёди хонавода, ширхорагӣ, талоқ ва масоили мутааллиқ ба онҳо аст, ба дунболи панҷ бахши ибодот омода намудем.

Дар ин бахш масоил ва табақабандии аҳком ба сурати фишурда ва ниҳоят кӯтоҳе пешкаши алоқамандон ва дӯстдорони улум ва фарҳанги исломӣ мегардад. Зеро шахсони ҷӯёи донишҳои динӣ ва ташнаи дарёфти шинохтҳои исломӣ, пас аз ба даст овардани маълумоти мухтасар ва огоҳиҳои муқаддамотӣ (аввалия), метавонанд вориди омӯзишҳои васеътаре гарданд. Ҳамчунин аҳкоми куллӣ ва табақабандии масоили асосӣ дар заминаи ҳаёти хонаводагӣ аз дидгоҳи ислом ба таври умум дар ин бахш дарҷ ва баён гардидаанд, ки бо фаро гирифтани ин асосҳо роҳе ба сӯи омӯзиш ва дарёфти масоили гуногуни ин боб кушода мегардад.

Имрӯзҳо танишҳои хонаводагӣ ва пешомадҳои пешгӯиношудаи ҳаёти заношӯӣ дар ҷомеаҳои дунявӣ ва ба ном мутамаддин ба сурати пурсарусадотарин мавзӯи рӯз даромадааст. Дар ҷой-ҷои ин кишварҳо ҳаводиси гӯшхарош ва моҷароҳои ошуфтае назми ҳаёти хонаводагиро аз ҳам пошида, пояҳои тамаддуни дунявӣ ва бе маънавиётро ба ларза даровардааст.

Коршиносони масоили иҷтимоӣ дар ин кишварҳо ба хулосае омадаанд, ки барномаҳои нодурусти чандасраи ҷаҳони Ғарб дар бораи зан ва арзишҳои хонавода ин ҷомеаҳоро ба буҳронҳои сахти хонаводагӣ, фурӯпошии маънавиёт ва аз ҳам гусастани назми оилаҳо рӯ ба рӯ сохтааст, коре, ки роҳи ҳалле ҷуз бозгашт ба асолати хонавода, барои онҳо надорад.

Донишманди англис Самуэл Смойлес, ки яке аз пешвоёни ҷунбиши Британия мебошад, мефармояд: *«Низоме, ки занро ба фаъолият дар корхонаҳои саноатӣ кашонд, ҳарчанд сарвати бебаҳое барои кишварҳо ба бор овард, вале дар ниҳоят бунёди ҳаёти хонаводагиро фурӯ рехт. Зеро он сохтори оиларо мавриди ҳамла қарор дод, пояҳои онро фурӯ рехт ва равобити иҷтимоиро аз ҳам гусехт. Ин низом дар натиҷаи рабудани ҳамсар аз канори шавҳар ва фарзандон аз оғӯши модар, ҳеҷ натиҷаи дигаре ҷуз ба пастӣ кашонидани ахлоқи зан ба бор наовард. Зеро вазифаи асосии зан, пеш аз ҳама, анҷом додани вазифаҳои манзил, ба монанди ба танзим даровардани корҳои хона, тарбияи фарзандон, сарфакорӣ дар васоили зиндагӣ ва бартараф намудани дигар эҳтиёҷоти хона мебошад, вале коргоҳҳо ӯро аз ҳамаи ин вазоиф ҷудо сохта, хонаҳоро бе сарпараст ва*

[1] Ишора ба ҳадисе аст, ки паёмбари акрам (рз) дар он занро бо хушбӯӣ ва намоз мақрун зикр кардааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Аз ин дунёи шумо се чиз ба ман маҳбуб гардонида шудааст: тиб – хушбӯӣ ва занон ва нури чашмам дар намоз гардонида шудааст»***.

фарзандонро бе парастор боқӣ гузоштааст».

Коршиноси амрикоӣ доктор Эйда Олин дар ин бора мегӯяд: *«Сабаби тамоми бухронҳои оилавӣ дар Амрико ва рози бисёри ҷиноятҳо дар ҷомеа он аст, ки зан ба хотири афзудани даромадҳои оилавӣ хонаро тарк кард. Дар натиҷа даромадҳо зиёд гардиданд, вале савияи ахлоқ паст шуд».* Ин коршиноси амрикоӣ ба тағйири бунёдии низоми фаъолияти зан ва бозгашти вай ба оғӯши хонавода фаро хонда, мефармояд: *«Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки баргашти зан ба ҳарими хонавода роҳи ягонаи наҷоти насли нав аз ин таназзуле мебошад, ки бо суръат дар он пеш меравад».*[1]

Агар дар дил ҷаҳони тозае дорӣ, бурун овар,
Ки Афранг аз ҷароҳатҳои пинҳон бисмил
афтодаст!

Мутаассифона, миллатҳои мусулмон низ бар асари барномаҳои фарҳангии пучсоз ва равандҳои арзишзудоии ҳоким бар онҳо, аз ин бемориҳои иҷтимоӣ ва сабук барчидани бисоти иффат ва покизагии хонавода ба дур намондаанд.

Войи қавме куштаи тадбири ғайр,
Кори ӯ тахриби худ таъмири ғайр.
Мешавад дар илму фан соҳибназар,
Аз вуҷуди худ нагардад бохабар!

Нақши ҳақро аз нигини худ ситурд,
Дар замираш орзуҳо зоду бимурд.
Бенасиб омад зи авлоди ғаюр,
Ҷон ба тан чун мурдае дар хоки гӯр!

Аз ҳаё бегона пирони куҳан,
Навҷавонон чун занон машғули тан.
Дар дили шон орзуҳои бесабот,
Мурда зоянд аз бутуни уммаҳот.
Духтарони ӯ ба зулфи худ асир,
Шӯхчашму худнамову хурдагир.
Сохта, пардохта, дилбохта,
Абрувон мисли ду теғи охта.

Миллате хокистари ӯ бешарар,
Субҳи ӯ аз шоми ӯториктар!
Ҳар замон андар талоши созу барг,
Кори ӯ фикри маошу тарси марг.

Мунъимони ӯ бахилу айшдӯст,
Ғофил аз мағзанду андар банди пӯст.
(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт)

Вале, бо ин ҳама, ҳаҷми вуқӯи солонаи чунин пешомадҳо дар миёни мардумоне, ки аз сатҳи болои огоҳиҳои динӣ бархӯрдор ҳастанд ва фарҳангу арзишҳои исломӣ дар он ҷо пойдортаранд, ба маротиб поёнтар мебошад, ки ин худ нишонаи равшане аз таъсири созандаи таълимоти исломӣ дар ҳаёти иҷтимоию хонаводагии онон ба шумор меравад.

Мисли ойина машав маҳви ҷамоли дигарон,
Аз дилу дида фурӯ шӯй хаёли дигарон!

Оташ аз нолаи мурғони Ҳарам гиру бисӯз,
Ошёне, ки ниҳодӣ ба ниҳоли дигарон!

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон!

Он чи ба сурати ҳаракатҳои сарсарӣ ва тасарруфоти санҷиданошудае, ки аз ҷониби баъзе мусулмонон сар мезанад, набояд ба унвони тобише аз арзишҳои исломии онон ё дурахшише аз ҷавҳари имон ва ба маънои исломшиносии онҳо пазируфта шаванд, балки ин даста аз мусулмонон аз ислом ҷуз ном ва аз андӯхтаҳои фарҳанги исломӣ ҷуз ёди бузургон, чизе надоранд.

Ростӣ, боиси сарафкандагист, ки имрӯз мардуми ҷаҳон ба сӯи Миррихуу Муштарӣ роҳ кушодаанд ва каронаҳои дурдасти осмони бекаронаро дар ҳоли дарнавардидан ҳастанд, дар асноe, ки мусулмон аз дарки оддитарин муқаррароти исломӣ ва шинохти равшантарин дастовардҳои азими тамаддуни ислом оҷизу ноогоҳ мебошад. Аз ин ҳам хиҷолатбортар он аст, ки мардуме бо ин ҳол худро ворисони барҳаққи бузургмардони гузаштае медонанд, ки барои асрҳо пеш аз дигарон аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал, ба ҳалли тамоми мушкилоти гетӣ даст ёфта буданд.

[1] Доктор Абдулкарим Зайдон, ал-Муфассал фӣ аҳкоми-л-маръати ва-л-байти-л-муслим. – Ҷ. 4. – Бейрут, 1417 ҳ. (1997). – С. 309, 310. Минбаъд: ал-Муфассал.

Зистам то зистам андар фироқ,
Во намо он сӯйи ин нилиравоқ!
Баста дарҳоро ба рӯям боз кун,
Хокро бо қудсиён ҳамроз кун!
Оташе дар синаи ман барфурӯз,
Удро бигзору ҳезумро бисӯз!
Боз бар оташ бинеҳ уди маро,
Дар ҷаҳон ошуфта кун дуди маро!

Оташи паймонаи ман тез кун,
Бо тағофул як нигаҳ омез кун!
Мо туро ҷӯему ту аз дида дур,
Не ғалат, мо кӯру ту андар ҳузур!

Ё кушо ин пардаи асрорро,
Ё бигир ин ҷони бедидорро!
Нахли умрам ноумед аз баргу бар,
Ё табар бифрист ё боди саҳар!

Ақл додӣ, ҳам ҷунуне деҳ маро,
Раҳ ба ҷазби андаруне деҳ маро!
Илм дар андеша мегирад мақом,
Ишқро кошона қалби лояном.

Илм то аз ишқ бархӯрдор нест,
Ҷуз тамошохонаи афкор нест.
Ин тамошохона сеҳри Сомирист,
Илми бе Рӯҳулқудус афсунгарист!

Бе таҷаллӣ марди доно раҳ набурд,
Аз лагадкӯби хаёли хеш мурд.
Бе таҷаллӣ зиндагӣ ранҷурӣ аст,
Ақл маҳҷуриву дин маҷбурӣ аст!

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт, Ҷовиднома)

Аз дидгоҳи ислом меросрасии маънавӣ ва ворисии ормонӣ бар пояи забон ва аз тангнои сулолаҳои қавмию нажодӣ арзёбӣ нашуда ва як чунин даъвоеро аслан қабул надорад, балки ислом ворисони ҳақиқӣ ва соҳибони аслии гузаштагони некном, ҳамон посдорони арзишҳои маънавӣ, ҳомиёни андӯхтаҳои фикрию фарҳангӣ ва идомадиҳандагони роҳу масири такомулии онҳоро медонад. Ин ворастагони пӯё, ки дар ҳифзу такмили дастовардҳои гузаштагон марзу банде намешиносанд, ҳамон зубдагон ва ҳимматгумордагони қавму миллатҳои гуногуне ҳастанд, ки дар ҳар давру замоне зуҳур менамоянд.

Ҳунук инсон, ки ҷонаш беқарор аст,
Савори роҳвори рӯзгор аст.
Қабои зиндагӣ бар қоматаш рост,
Ки ӯ навофарину тозакор аст!

Вақте яҳудиёну насрониён ин даъворо бардоштанд, ки мо ворисони Иброҳим (а) ҳастем ва Иброҳим (а) низ яҳудӣ ва ё насронӣ буд, Худованд ин пиндор ва тасаввури хатои онҳоро ба боди интиқод кашида, меъёри шинохти ворисони ҳақиқиро дар чунин ҳолатҳо барои бандагони муъминаш бино мегузорад, он ҷо ки Қуръони карим мефармояд:

إِنَّ أَوْلَى ٱلنَّاسِ بِإِبْرَٰهِيمَ لَلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ
وَهَٰذَا ٱلنَّبِيُّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ

«Беҳтарин ва наздиктарини мардум ба Иброҳим ҳамонҳое буданд, ки аз ӯ пайравӣ намуданд ва ин паёмбар – паёмбари ислом – ва касоне ҳастанд, ки дар канори ӯ имон овардаанд».[1]

Яҳудиён, ки худро дунболаи насли Иброҳим (а) медонистанд, даъво ва пиндори бебунёди худро аз дидгоҳи нажодию қавмӣ матраҳ мекарданд. Насрониён бошанд, маслаки худро дунболаи дини поки Иброҳим (а) ба қалам дода, он пиндори эътиқодии худро бо ҳамин биниш шакл бахшида буданд.

Вале ҳамин ки онҳо аз дини илоҳӣ ва арзишҳои имонии паёмоварони худ, ки дунболаи дини поки Иброҳим (а) ба ҳисоб меоянд, ба бероҳа афтоданд ва ба таҳрифу (нодурустсозӣ) беранг сохтани арзишҳои имонӣ ва вожгуна (чаппа) нишон додани таърихи мароҳили гуногуни ҳаёти башарият, аз ҷумла паёмбарони илоҳӣ даст ба кор шуданд, бо ҳамин аз силки ворисони ҳақиқат ва соҳибони ойини поки иброҳимӣ ҳазф (партофта) гардиданд.

[1] Сураи Оли Имрон, 3: 68.

Мурд чун шамъи худӣ андар вуҷуд,
Аз хаёли осмонпаймо чӣ суд!?

* * * *

Оташе афрӯз аз хошоки хеш,
Шуълае таъмир кун аз хоки хеш!

Илми муслим комил аз сӯзи дил аст,
Маънии ислом тарки офил аст.

Чун зи банди офил Иброҳим раст,
Дар миёни шуълаҳо некӯ нишаст.

* * * *

Дил мақоми хешиву бегонагист,
Шавқро мастӣ зи ҳампаймонагист!

Миллат аз якрангии дилҳостӣ,
Равшан аз як ҷилва ин Синостӣ!

Қавмро андешаҳо бояд яке,
Дар замираш муддао бояд яке!

Бар насаб нозон шудан нодонӣ аст,
Ҳукми ӯ андар тану тан фонӣ аст,

Миллати моро асоси дигар аст,
Ин асос андар дили мо музмар аст.

Ҳозирему дил ба ғойиб бастаем,
Пас зи банди ину он ворастаем.

Риштаи ин қавм мисли анҷум аст,
Чун нигаҳ ҳам аз нигоҳи мо гум аст.

Тири хушпайкони як кешем мо,
Якнамо, якбин, якандешем мо.

Муддаои мо, маоли мо якест,
Тарзу андози хаёли мо якест.

Мо зи неъматҳои ӯ ихвон шудем,
Якзабону якдилу якҷон шудем!

Бахши дуюм

КИТОБИ НИКОҲ

وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ

أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً

وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

«Яке аз нишонаҳои (қудрат ва ҳикмати) Худо он аст, ки барои шумо аз худатон ҳамсароне офаридааст, то ба сӯи онҳо ором гиред ва дар миёни шумо мавaддат (муҳаббат) ва раҳмат (дилсӯзи)-ро ниҳодааст. Албатта, дар ин (кор) барои мардуме, ки тафаккур намоянд, нишонаҳои (равшане) вуҷуд дорад»

(Сураи Рум, 30:21).



Фасли аввал

ХУЛОСА ВА МОҲИЯТИ НИКОҲ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

Дар мавзӯи никоҳ ё худ бинои заношавҳарӣ дар хазонаи фарҳангӣ ва қонунгузории ислом ба маҷмӯаи муқаррарот ва раҳнамоиҳое бармехӯрем, ки пойдевори бинои ҳаёти заношавҳариро аз нахустин лаҳзаҳои шаклгирӣ, интихоби куфв (ҳамто)-и муносиб ва ҷуфти шоиста, то марҳалаҳои ниҳоӣ ва сояафкан гардидани гунбади хонавода бар сари зану шавҳар, зери пӯшиш қарор додааст.

Аз ҳамон қадамҳои аввал барои ҳарчи муваффақтар сурат гирифтани интихоби ҳамрадиф ва ҳамроҳи ҳаёти хонаводагӣ ба як силсила меъёрҳое дучор меоем, ки инсон бо риояи онҳо метавонад худро аз пешомадҳои пешгӯиношудае дар амон нигоҳ дорад.

Дар барпо намудан ва ё бастани ақд низ мушаххасот, шартҳо ва бастабандиҳое гузошта шудаанд, ки бе риояи онҳо ақд баста намегардад, ҳамчун сурати доду қабул, ҳузури ду шоҳид ва дар гӯшраси онҳо баргузор гардидани маросими доду қабул (ақд). Ҳар сурати заношавҳарӣ ва робитаҳои пайванддиҳандае, ки берун аз ин муқаррарот анҷом бигирад, фосид ва бепоя мебошад.

Аз як сӯ, шариати ислом ба хотири ғамхорӣ, шинохти ҳассосият ва раҳнамоии лаҳзаҳои бетаҷрибагии ҷавон дар коргоҳи зиндагӣ ва давраи хомии фикри инсони тозаворид ба арсаи ҳаёти хонаводагӣ, асли сарпарастӣ ва бунёди валигиро бино ниҳодааст, то писару духтарро аз ҳамон даврони хурдсолӣ қадам ба қадам то марҳалаҳои рушди фикрӣ ва расиши балоғат зери назорат ва мавриди роҳнамоӣ қарор диҳанд, то онҳо дар ниҳоят ҳаётдида шуда, барои як бор ҳам бошад, дар баҳри таҷрибаҳои зиндагӣ шиновар гарданд.

Аз сӯи дигар, озодиҳо ва ҳаққи интихоби ҷуфтро барои писару духтар мавриди таъкид қарор додааст. Писару духтари наврас ва хурдсол, ки ҳанӯз аз зиндагии худ таҷрибаи кофие наандӯхтаанд, ниёзи домангире ба роҳнамоиҳо ва назорати лаҳза ба лаҳзаи сарпараст ва валии худ доранд ва ҳамин ки ба синни рушду балоғат расиданд, дигар ба андозае аз таҷрибаи рӯзгор баҳра гирифтаанд. Ин ҷост, ки ҳаққи интихоби ҳамсар комилан ба худи онҳо интиқол меёбад ва барои валӣ танҳо нақши роҳнамоӣ ва насиҳат боқӣ мемонад, на ҳаққи тасмимгирӣ.

Вале бо бардоштани қадами дигаре, ки камар бастан ба ҳаёти заношавҳарӣ аст, дигар зан шавҳардида ва дорои таҷрибаи кофӣ ба шумор меояд ва валӣ дар интихоби вай ҳаққи эътирозе ҳам надорад.

Агар ҳуқуқи тасмимгирӣ ва сарпарастӣ барои писару духтари хурдсол, умуман, аз салоҳиятҳои валӣ ба шумор ояд, ки аз маҳдудтар будани ихтиёроти амалии онҳо то андозае хабар медиҳад, пас аз расидан ба синни балоғат ва рушди фикрӣ, ҳуқуқи валӣ ҳарчи костатар ва ихтиёроту салоҳиятҳои писару духтар пурра мегарданд. Вале пас аз ин ҳам ҳаққи роҳнамоӣ ва насиҳат барои валӣ маҳфуз мемонад, то дар сурати ба фиреб афтодани духтару писар дар интихоби ҳамрадифи шоиста ва куфви ҳамсанг, ба кӯмак ва ислоҳи онҳо бархезад.

Дар бораи маҳр низ ислом роҳи ҳарчи муносибтар ва фарогири ҳолатҳои фақру бенавоӣ ва дороию бениёзии табақаҳои гуногуни мардумро пешкаш намудааст. Барои дуруст гардидан

ва ҷанбаи шаръӣ пайдо кардани акди заношавҳарӣ камтарин миқдори маҳрро, ба ҳаҷми дах дирҳам, муайян намуда, барои ҳадди болои он марзе муайян накардааст.

Дах дирҳам (пули нуқра) аз ҷиҳати вазн ба ҳафт мисқол ва аз назари ифодаи ҳаҷми дорои шахс дар субути ҳукми фарзияти закот ва дигар пардохтҳои молӣ дар садри ислом ба як мисқол тило (бештар аз чаҳор грамм) баробар буд.[1] Ин миқдор поёнтарин меъёри тавоноӣ ва марзи қудрати эҷоди як хонаводаи фақиронаро нишон медиҳад. Ва дар сурате ки шахсе ба андозаи чаҳорпанҷ грамм тило пулу дорӣ надошта бошад, дар ҳақиқат, чунин одаме поёнтар аз марзи фақру тангдастӣ ба сар мебарад.

Дар он ҳолат инсон на ба додани маҳр ва на ба баровардани ниёзҳои зиндагӣ (нафақа) қодир мебошад. Иқдом ба бинои хонавода бо чунин дасти тиҳӣ на танҳо мушкилофарин аст, балки худ, нашинохтан ва сарфаҳм нарафтан ба моҳияти зиндагӣ ба шумор меравад. Худованд дар ин бора мефармояд:

وَلْيَسْتَعْفِفِ ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا
حَتَّىٰ يُغْنِيَهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ

«Онҳое, ки имконоти издивоҷро надоранд, бояд, то он замоне ки Худо онҳоро аз фазли худ бениёз гардонад, иффат ва покдоманӣ намоянд».[2]

Ҳамин аст, ки бархе аз имомони фиқҳӣ ва донишварони исломӣ аввал сару сомон бахшидан ба вазъи зиндагӣ ва сипас бунёди хонаводаро тавсия намудаанд.[3]

Аз дигар ҷониб, ислом ҳарчанд барои ҳадди болои маҳр дар ҳолати рафоҳияту бениёзӣ марзе таъйин накардааст, вале аз фармоишоти паёмбари ислом (с) ва равиши амалии бузургони пешин бармеояд, ки ислом ҳамчунин бо гаронмаҳрӣ рӯи хуше надорад, зеро он (гаронмаҳрӣ), маҳрумият ва аҷзи наслҳои ҷавони ҳар миллатеро аз бунёди ороми хонавода ва ҳаёти заношавҳарӣ дар пай дорад.

Паёмбари Худо (с) мефармояд: ***«Бобаракаттарин ва ё беҳтарин занон ҳамон заноне мебошанд, ки маҳрашон камтар бошад».[4]***

Аз назари шариати ислом бурузи (рӯй додан) бисёре аз мушкилоти ҳалнопазири иҷтимой, фасод ва таназзули ахлоқӣ ва дар ниҳоят, таназзули маънавию фарҳангии ҷомеа аз ҳамин вазъи ошуфтаи ҷисмонӣ ва равонии наслҳои ҷавон сарчашма мегирад.

Қуръони карим се чиз: оромиш, муҳаббат ва дилсӯзиро муҳимтарин фалсафаи ҳаёти заношавҳарӣ ва асоси тамоми хушиҳо дар зиндагии хонаводагӣ мегӯяд. Чӣ тавре дар ояти 21-уми сураи Рум мехонем, яке аз нишонаҳои қудрат ва осори ҳикмати Парвардигор дар офариниши ҷинси зан он аст, ки мард бо ҳамзистӣ дар канори вай оромиши ҳамаҷонибаи худро пайдо намояд ва барои таҳаққуқи ормонҳои зиндагӣ дар ҳаёти якҷояи онҳо Худованд дар миёнашон муҳаббат ва дилсӯзиро ниҳодааст.

Пас таҳаққуқ ёфтани ин се чиз: оромиш, муҳаббат ва дилсӯзӣ дар зиндагонии муштараки зану шавҳар муҳимтарин ҳадафи бинои хонавода аз дидгоҳи Қуръон мебошад. Бинобар ин, бар фазои хонавода ва ҳаёти оилавии зану шавҳаре ин се чиз сояфкан набошад, умуман, дар он муҳимтарин ҳадафи бинои хонавода таҳаққуқ наёфтааст ва дар он муҳит рӯй додани ҳар нохушие аз имкон дур нест.

وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا
لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً
إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

[1] Дар садри ислом арзиши дах дирҳам (пули нуқрагӣ) ба як мисқол тило баробар буд. Бинобар ин, аҳком ва пардохтҳои молӣ бо яке аз ин ду нақдина муайян сохта мешуд, вале баъдҳо арзиши нуқра поён рафт.

[2] Сураи Нур, 24:33.

[3] Имом Абуҳанифа (рҳ) дар зимни тавсияҳо ва насиҳатҳое, ки хитоб ба бузургтарин шогирд ва ёри худ Абуюсуф – Яъқуб ибни Иброҳим – фармудааст, мегӯяд: «Пеш аз таъмини заруриёти зиндагӣ ва мояҳтоҷи зан издивоҷ накун. Аввал, илм биомӯз, дуюм, худро аз назари молӣ таъмин намо ва он гоҳ издивоҷ кун» (Фаридун Сипарӣ, Пажӯҳише дар бораи имомони аҳли суннат. – С. 23. – Санандач, 1380 ш. (2001)).

[4] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4034. – Ҷ. 9. – С. 342; Мустадраки Ҳоким, 2732. – Ҷ. 2. – С. 194. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст. Сунани Куброи Байҳақӣ, 14705. – Ҷ. 11. – С. 10; Муъҷаму-л-кабир, 11100, 11101. – Ҷ. 11. – С. 65.

«Ва яке аз нишонаҳои (қудрат ва осори ҳикмати) Худо он аст, ки барои шумо аз худатон ҳамсароне офарид, то ба сӯи онҳо ором гиред ва дар миёни шумо мавaддат ва раҳмате ниҳода. Албатта, дар ин (кор) барои мардуме, ки тафаккур намоянд, нишонаҳои (равшане) вуҷуд дорад».[1]

Барои ба даст овардани ин маънои зиндагӣ ва ҳадафи бинои оила бояд ба тамоми муқаррароти ҳуқуқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва тавсияҳои шариат дар ин бора амалан таваҷҷуҳ дод.

ИЗДИВОҶ ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Худованди мутаъол тамоми мавҷудоти олам ва навъҳои ҳастӣ, аз ҷумла инсонро ҷуфт ва ба сурати ду ҷинси нарина ва модина офарида, афзоиши насл, шароити бақои навъ ва имтидоди сулолаи онҳоро аз ҷиҳати биологӣ ва физиологӣ ба тариқи омезиши ҷинсӣ, васлати таносулии ҷинси нарина ва модина бо якдигар ва бордоршавӣ аз ин роҳ пешбинӣ ва муқаррар намудааст. Пас барои роҳандозӣ ва таъмини фаъолияти ин механизм дар фитрат ва вуҷуди онҳо ғаризаи ҷинсӣ ва майл ба ҷониби муқобилро ниҳодааст. Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Офаридгори осмонҳо ва замин аст, барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсароне гардонида ва аз чаҳорпоён (низ) ҷуфтҳо офаридааст, ки ба ин восита шуморо бисёр мегардонад ва (наслатонро) афзоиш медиҳад…».**[2]

Вақте Худованд офариниши инсон ва заминаи афзоиши насли ӯро ба ин тариқ пешбинӣ ва тадбир намуда, пас ҳатман барои пешгирӣ аз суиистифодаи ғаризаи ҷинсӣ ва аз инҳироф дар баровардани майлҳои шаҳвонӣ роҳи дурусти таъмини ниёзҳои фитрӣ ва баровардани майлҳои ҷинсиро дар чорчӯбаи муқаррароти шаръ пешбинӣ намуда, издивоҷ ва бинои хонаводаро барои он тадорук дидааст.

Дини мубини ислом бо таваҷҷуҳ ба ин ниёзи фитрии инсон ва ба манзури таъмини дигар ҳадафҳои олие, ки барои шахсияти инсон ва ҷомеа дар назар дорад, бо равишҳои гуногуне ба бинои хонавода ва барпо намудани оила тарғиб намудааст. Қуръони карим мефармояд: **«Мардони безан ва бевазанони худро ба никоҳ бароред ва ғуломон ва канизони солеҳи худро (низ). Агар онҳо фақиру бенаво бошанд, Худо онҳоро аз фазли худ бениёз мегардонад. Ва Худо кушодафазлу доно аст».**[3]

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, Худованд дар ин оят ба шахсе, ки ба бинои хонавода иқдом менамояд, ваъдаи бениёзӣ, ғино ва кушодани дарҳои фазли худро медиҳад ва ӯро аз фақр мераҳонад. Аз Ибни Масъуд (рз) ривоят шудааст, ки фармуд: *«Боӣ ва молу сарватро дар никоҳ биҷӯед»* ва ояти каримаро тиловат намуд. [4]

Худованд дар ҷои дигар бо ёдоварӣ аз паёмбарони баргузидаи худ ба расули акрам (с) хабар медиҳад, ки барои онҳо низ ҳамсар ва фарзанд ато кардааст ва аз ин тариқ бандагони муъминро ба никоҳ ва бинои хонавода ташвиқ менамояд, он ҷо ки мефармояд: **«Ва дар ҳақиқат, пеш аз ту расулоне фиристодаем ва барои онҳо ҳамсарон ва зуррийя ато намудаем…».**[5]

Дар ояти 74-уми сураи Фурқон дар зимни баёни сифатҳои ситудаи бандагони солеҳ ба яке аз он сифатҳо ишора менамояд ва гӯшае аз ҳаёти онҳоро барои мо васф мекунад, ки онҳо бо калимоти пурмуҳтавое бораи ҳамсарон ва фарзандонашон дуо мекунанд, он ҷо ки мефармояд: **«…ва онҳое, ки мегӯянд: Парвардигоро! Барои мо аз ҳамсарон ва фарзандонамон нури чашм ва хушнудие ато фармо ва моро пешвои муттақиён гардон!».**

Дар оятҳои 23-24 сураи Раъд манзараи даромадани аҳли имон ва салоҳро ба ҷанноти адн, дар ҳоле ки падарон, ҳамсарон ва фарзандони некашон дар канори онҳо ба биҳишт медароянд, васф менамояд ва мефармояд: **«Ба биҳишти ҷовидона медароянд ва падарон, ҳамсарон ва фарзандони солеҳашон низ ва фариштагон аз тамоми дарҳо (-и биҳишт) бар эшон ворид шуда, (ба шодбоши ин комгории азим ба онҳо мегӯянд) салом бар шумо бо ончи сабр намудед! Пас чӣ зебо ва хуб аст сарои охират!».**

[1] Сураи Рум, 30: 21.
[2] Сураи Шӯро, 42: 11.
[3] Сураи Нур, 24: 32.
[4] Тафсири Табарӣ. – Ҷ. 7. – С. 6040; Тафсири Қуртубӣ. – Ҷ. 6, ҷузъи 12. – С. 220
[5] Сураи Раъд, 13: 38.

ИЗДИВОҶ ДАР СУННАТИ НАБАВӢ

Дар суннати набавӣ низ бо шеваҳои гуногуне ба издивоҷ ва бинои хонавода ташвиқ шудааст, то ҷое, ки расули акрам (с) ҳамбистарӣ ва наздикӣ бо ҳамсари шаръиро ибодат ва мӯҷиби аҷру савоб гуфтааст. Ривоят шудааст, ки мардуме гуфтанд: *Эй расули Худо! Аҳли дусур (молу сарват) аҷру савобро ба даст оварданд: ҳамон гуна ки мо намоз мегузорем, намоз мехонанд, чӣ тавре рӯза мегирем, рӯза медоранд ва (илова бар ин) молҳои зоид аз ниёзҳои зиндагиашонро садақа мекунанд. Фармуд:* ***«Оё чунин нест, ки Худо барои шумо низ чизе додааст, ки онро садақа намоед? Дар ҳар тасбеҳе садақа аст, ҳар такбире садақа аст, ҳар ҳамде садақа аст, ҳар таҳлил (Ло илоҳа иллаллоҳ)-е садақа аст, амри ба маъруф садақа аст, наҳйи аз мункар садақа аст (ва ҳатто) дар бузъ (баровардани ниёзи ҷинсӣ)-и ҳар кадоми шумо садақа аст».*** *Гуфтанд: Эй расули Худо! Оё касе аз мо шаҳвати худро бароварда созад, дар он барояш аҷр аст? Фармуд:* ***«Бигӯед, ки агар онро дар ҳароме мегузошт, оё бар вай гуноҳе буд? Пас ҳамчунин вақте онро дар ҳалол бигузорад, барояш аҷр аст».***[1]

Паёмбари акрам (с) боз фармуда: ***«Никоҳ аз ҷумлаи суннатҳои ман аст ва касе ба суннати ман амал накунад, аз умматони ман нест».***[2]

Яъне барои баровардани ниёзҳои фитрӣ ва хостаҳои табиии инсон паёмбар (с) роҳи машрӯъ ва мутаодилеро поягузорӣ намудааст, ки башариятро ҳам аз васвасаҳои гӯшанишинӣ, зиёнҳои гуногунҷанбаи ҳаёти бехонавода ва ваҳшатҳои танҳоӣ раҳо месозад ва ҳам аз ҳар гуна беиффатӣ, тардоманӣ ва лаззатҷӯиҳои номашрӯъ нигаҳ медорад.

Пас касе дар бароварда сохтани ниёзҳои фитрӣ ва майлҳои ҷисмонию нафсонии худ аз равиши муътадил ва дурусти паёмбари акрам (с) пайравӣ нанамояд ва ё бо паймудани маслакҳои хилофи фитрат, аз посухи мусбат ба ин ҷанбаи ҳаёти инсон чашмпӯшӣ намояд, чунин инсоне аз роҳи дуруст ва суннати зебое, ки он ҳазрат (с) бино ниҳодааст, берун ва бенасиб мондааст.

Ҳамзамон расули акрам (с) аз танҳо зистан ва канорагирӣ аз издивоҷ наҳй намудааст. Аз Самура (рз) ривоят шудааст, ки: *«Паёмбар (с) аз табаттул (безанӣ ва танҳоӣ) наҳй намудааст»* ва ровии ҳадис, Қатода: **«Ва дар ҳақиқат, пеш аз ту паёмбароне фиристодем ва барои онҳо ҳамсарон ва насле гардонидем»** (ояти 38-уми сураи Раъд)-ро тиловат кард».[3] Яъне издивоҷ яке аз суннатҳои паёмбарон мебошад.[4]

Ҳазрати паёмбар (с) дар яке аз фармоишоти дигари худ ба нуктаи муҳимме ишора фармудааст: ***«Шахсе, ки издивоҷ менамояд, аз се ду ҳиссаи дини худро дар амони Худованд даровардааст».***[5] Зеро аз як ҷониб, ҳадафи асосии издивоҷ ҳифзу нигоҳдории иффат ва покдомании марду зани мусулмон аст ва аз ҷониби дигар, ба вуҷуд омадани фарзандон ва насли солеҳ мебошад. Чунончи, паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Издивоҷ намоед, то насли мусулмонон зиёд шавад, зеро рӯзи қиёмат ба бисёрии умматонам ифтихор хоҳам кард».***[6]

Ҳифзи иффат ва покдомании мардум, ки яке аз муҳимтарин мақсадҳои қонунгузорӣ дар ислом аст, бо бунёди оила ва дар оғӯши гарми хонавода таъмин мегардад. Қуръони карим мефармояд:

قُلْ إِنَّمَا حَرَّمَ رَبِّيَ ٱلْفَوَٰحِشَ
مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا بَطَنَ

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 2326 (1006)-52.

[2] Сунани Ибни Моҷа, 1846. Дар Саҳеҳи Бухорӣ дар зимни ҳадиси муфассале омадааст: «…***Ва ман бо занон издивоҷ менамоям. Пас касе аз суннати ман рӯй гардонад, аз (уммати) ман нест»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 5063).

Ба ин маъно ҳадисҳои дигаре низ аз паёмбар (с) ворид шудааст. Аз ҷумла, мефармояд: ***«Касе аз суннати ман пайравӣ намояд, аз ман аст ва никоҳ яке аз суннатҳои ман аст»*** (Мусаннафи Абдурраззоқ, 10379. – Ҷ. 6. – С. 169). Ҳамчунин мефармояд: ***«Касе фитрат (роҳ)-и маро дӯст дорад, аз суннати ман пайравӣ намояд ва яке аз суннатҳои ман никоҳ мебошад»*** (Мусаннафи Абдурраззоқ, 10378. – Ҷ. 6. – С. 169; Сунани Куброи Байҳақӣ, 13736. – Ҷ. 10. – С. 235).

[3] Сунани Тирмизӣ, 1082 Сунани Насоӣ, 3214; Сунани Ибни Моҷа, 1849.

[4] Дар ривояте омадааст, ки *«Чаҳор чиз аз суннати паёмбарон мебошад: ҳаё, хушбӯй задан, мисвок кардан ва никоҳ»* (Сунани Тирмизӣ, 1080).

[5] Дар ривояти дигар омадааст: *«Касе издивоҷ намояд, нисфи имонашро комил гардонидааст, пас дар нисфи дигараш Худоро тақво намояд»* (Муъҷаму-л-авсат, 7647, 8794. Ҷ. 7, 8. – С. 382, 394). Яъне издивоҷ кардан бандаро дар ҳифзи иффат ва комил гардидани имонаш кӯмак менамояд.

[6] Сунани Абудовуд, 2050; Сунани Насоӣ, 3228; Сунани Ибни Моҷа, 1846; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4028,. Ҷ. 9. – С. 338; Мустадраки Ҳоким, 2685. Ҷ. 2,с. 176.

«Бигӯ: Парвардигорам тамоми зиштиҳо (ва бебандубориҳо)-ро, чи ошкор бошанд, чи пинҳон, ҳаром гардонидааст…».[1]

Издивоҷ ва бунёди хонавода дар шароити одӣ ва дар ҳолати эътидоли майлҳои шаҳвонӣ дар инсон низ аз пардохтан ба ибодатҳои нафлӣ афзал аст. Гузаштагони солеҳи уммат ба барпо намудани оила ҳамеша ташвиқ намуда, тарки издивоҷро бад медиданд. Ҳатто аз имом Шофеъӣ (рҳ) ривоят шуда, ки фармуд: *«Танҳоӣ ва ғурбат дар ҳеҷ чизе аз амри ислом набуда ва касе ба тарки издивоҷ фаро хонад, воқеан ҳам, ба сӯи ғайри ислом даъват намудааст».*[2]

Дар сурате марду зан дар кори издивоҷ саҳлангорӣ намоянд, имкон дорад – Худо накунад – муртакиби амали қабеҳи зино шаванд ва меваи умри худро барбод диҳанд ва дигар пардаи иффат дарида хоҳад шуд. Аллома Иқболи Лоҳурӣ хитоб ба занони поктинати ислом мефармояд:

Эй ридоят пардаи номӯси мо,
Тоби ту сармояи фонуси мо.
Тинати поки ту моро раҳмат аст,
Қуввати дину асоси миллат аст!

Кӯдаки мо чун лаб аз шири ту шуст,
Ло илаҳ омӯхтӣ ӯро нахуст.
Метарошад меҳри ту атвори мо,
Фикри мо, гуфтори мо, кирдори мо.

Барқи мо, к-ӯ дар саҳобат орамид,
Бар ҷабал рахшиду дар саҳро тапид.
Эй амини неъмати ойини ҳақ,
Дар нафасҳои ту сӯзи дини ҳақ.

Даври ҳозир тарфурӯшу пурфан аст,
Корвонаш нақди динро раҳзан аст.
Кӯру яздонношинос идроки ӯ,
Нокасон занҷирии печоки ӯ.

Чашми ӯ бебоку нопарвостӣ,
Панҷаи мужгони ӯ гиростӣ.
Сайди ӯ озод хонад хешро,
Куштаи ӯ зинда донад хешро.

Оббанди нахли ҷамъият туӣ,
Ҳофизи сармояи миллат туӣ.
Аз сари суду зиён савдо мазан,
Гом ҷуз бар ҷодаи обо мазан!

Ҳушёр аз дастбурди рӯзгор,
Гир фарзандони худро дар канор!
Ин чаманзодон, ки пар накшодаанд,
З-ошёни хеш дур афтодаанд.

Фитрати ту ҷазбаҳо дорад баланд,
Чашми ҳуш аз усваи Заҳро мабанд!
То Ҳусайне шохи ту бор оварад,
Мавсими пешин ба гулзор оварад.

(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёт)

Донишмандони ғайриисломӣ пас аз қарнҳо мутолиаву талош ва чашидани талхтарин самароти бебандуборию фаҳшо дар ҷомеаҳои ба истилоҳ мутамаддини худ, имрӯзҳо эъҷози (мӯъҷиза будани) фармоиши паёмбари акрам (с)-ро, ки фармуд: ***«Амали зино баракатро аз умр мебарад»,***[3] пай бурдаанд. Зеро шахси зинокор илова бар чашидани таъми муҷозоти шаръӣ, дар ҳолати даст задан ба амали зишти зино камол ва ҳаловати имонро аз даст медиҳад ва ба гуфтаи Ибни Аббос (рз), дар он ҳолат нури имон аз вай хориҷ мегардад.[4]

[1] Сураи Аъроф, 7: 33.

[2] ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 36.

[3] Матни ҳадисро аз китобҳо ва манобеи ҳадисие, ки дар дастраси мо қарор доштанд, пайдо накардем.

[4] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки паёмбар (с) дар он мефармояд: ***«Шахси зонӣ вақте зино мекунад, даст ба он намезанад ва ӯ муъмин бошад…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2475, 5578, 6772, 6809, 6810; Саҳеҳи Муслим, 200 (57)-100, 201 (…)-104; Сунани Ибни Моҷа, 3936).

Аҳли Суннат иҷмоъ доранд, ки муртакиби гуноҳони кабира аз имон хориҷ намешавад ва ба гуфтаи муҳаққиқон, ин асли эътиқодӣ, ки бо Китоб ва Суннат собит шудааст, уламоро ба таъвили ин ҳадис водоштаааст. Яке аз маъноҳо ё таъвилҳое, ки дар ин маврид гуфтаанд, он аст, ки шахс дар ҳолати иртикоби гуноҳони кабира, аз ҷумла зино, камоли имон ва эҳсоси муроқабати Худовандро аз даст медиҳад. Ба гуфтаи Ибни Аббос (рз), нури имон аз вай бардошта мешавад, яъне он нуронийяте, ки дар қалби банда бо тоатҳо ҳосил мешавад, бо иртикоби гуноҳон тира ва зоил мегардад, на ин ки асли имон аз вай хориҷ шавад. Муҳаллаб мегӯяд: Яъне он нури басирате, ки бо тоати Худо (дар вай) ҳосил шуда, бо ғалабаи шаҳват бар вай дар дилаш хомӯш мегардад. Аз Абуҳурайра (рз) ба тариқи марфӯъ ривоят шуда, ки:

Ҳамчунин, бар касе пӯшида нест, ки шахсони зинокор гирифтори бемориҳои гуногуне мешаванд, ки ин ҳамон рафтани баракат аз умри онҳо аст. Агар чанд рӯзе ҳам зинда бошанд, зиндагияшон бадтар ва фалокатбортар аз марг аст ва бешак, рӯзи қиёмат дар пешгоҳи Парвардигорашон рӯсиёҳ хоҳанд буд.

Ҷомеае, ки дар он танфурӯшиву фаҳшо ва ҳар гуна тардоманӣ ривоҷ меёбад, бемориҳои сирояткунанда ва дармоннопазир дар он зиёд мегарданд. Ҳар гуна вабоҳо ва вирусҳои ҳалокатовар ҳаёти солими ҷомеаро мавриди таҳдид қарор медиҳад. Ҳамчунин, дар чунин ҷомеаҳо наслҳои машкук, фарзандони бенасаб ва хонаводаҳои беасл арзи вуҷуд менамоянд. Ин падидаи номатлуб боиси пайдоиши инсонҳои мизоҷан ва рӯҳан номутаодил мегардад ва хатари беасл ва ё бадасл будан ояндаи он миллатро таҳдид менамояд. Худованд дар ояти 32-юми сураи «Исро» мефармояд: **«Ба зино наздик нагардед, ки он фоҳиша (тардоманӣ) ва роҳи бад (ва зиёнбор)-ест».**

Расули Худо (с) дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Фоҳиша ва бебандуборӣ дар миёни ҳеҷ қавме зоҳир нагардида ва ба таври ошкор ба он даст назадаанд, магар ин ки онҳо ба навъҳои тоъун (вабоҳо) ва бемориҳое гирифтор мегарданд, ки дар пешиниён ва гузаштагони онҳо мушоҳида нашуда буданд».***[1]

Абр барнояд пайи манъи закот,
В-аз зино афтад вабо андар ҷиҳот.
Ҳарҷи бар ту ояд аз зулмоту ғам,
Он зи бебокию густохист ҳам.
(Мавлоно, Маснавӣ, дафтари аввал)

Лозим ба ёдоварист, ки мавзӯъҳои никоҳ, талоқ, идда, нафақа, мерос ва ғ. бахши аҳволи шахсии қонуни мадании исломро ташкил медиҳанд.

АРЗИШИ МАЪНАВИИ АҚДИ НИКОҲ

Ақди никоҳ ва робитаи заношавҳарӣ ҳарчанд дар зоҳир ба сурати тамоми қарордодҳои дуҷонибаи дигар ба чашм мерасад, вале аз назари шариати ислом аз ҳар гуна қарордоде болотар буда, ибодати Худованд ба шумор меравад. Ислом ҳам барои баста шудан ва ҳам барои ҷудо намудани он тарз, меъёрҳо ва сурати махсусеро муайян намудааст, ки онро ба куллӣ аз дигар намуди қарордодҳои дуҷониба мутафовит месозад. Ин ҳама тадбирҳои гуногун ва шароити хоссе, ки барои он дар назар гирифта шудааст, барои таъмини бунёди хонаводаи солим, устувории назм ва идомаи муошарати нек дар он аҳаммияти сарнавиштсоз доранд.

Донишманди шинохтаи ҷаҳони ислом муфтӣ Муҳаммадшафеъи Усмонӣ дар тафсири худ ба чанд хусусият ва тафовути асосии ақди никоҳ аз дигар қарордодҳои дуҷониба ишора намудааст:

а) Шариати ислом барои никоҳ ва бунёди хонаводаи солим қонуни мустақил ва мавзӯи ҷудогонае гузошта, меъёрҳои хосседро муқаррар намудааст. Мардумро бар асоси маҳрамият ва ғайри маҳрамият ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, бастани ақди никоҳ ва барқарор сохтани ҳар гуна робитаи заношавҳариро бо гурӯҳи маҳрамҳо қатъ-

«***Вақте банда зино кунад, имон аз вай хориҷ мегардад ва ба мисли абрпорае дар болояш қарор мегирад, вақте аз он канд ва ҷудо гашт, боз ба вай бармегардад»*** (Мустадраки Ҳоким, 56). Дар таълифоти ҳадисӣ аҳодис ва осори дигаре низ бо маъноҳои гуногун, вале наздик ба он ривоят шудаанд ва дар маънои ҳадиси фавқ ақвол ва таъвилоти дигаре низ дар матнҳо ва шарҳҳо омадааст (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 15; Умдатулқорӣ. – Ҷ. 13 ва 23, дар зимни шарҳи ҳадиси 6772).

[1] Сунани Ибни Моҷа, 40194; Шуъабу-л-имон, 3314. – Ҷ. 3. – С. 196, 10550. – Ҷ. 7. – С. 351; Муъҷаму-л-авсат, 4671. – Ҷ. 5. – С. 133.

Ҳадиси мазкур аз роҳҳо ва бо ибораҳои дигар низ ривоят шудааст, аз ҷумла дар «Мустадраки Ҳоким» ва «Муъҷаму-л-кабир» омадааст: «Вақте зинокорӣ ва рибохорӣ дар шаҳре (ва дар миёни қавме) зоҳир шаванд, азоби Худоро бар худ фуруд овардаанд» (Мустадраки Ҳоким, 2308. – Ҷ. 2. – С. 339; Муъҷаму-л-кабир, 460. – Ҷ. 1. – С. 178). Дар ривояти дигар омадааст: «Фоҳиша ва танфурӯшӣ дар миёни мардуме зоҳир намешавад, магар ин ки Худованд маргу мирро бар онҳо мусаллат месозад» (Мустадраки Ҳоким, 2623. – Ҷ. 2. – С. 461; Сунани Куброи Байҳақӣ, 6490, 6491. – Ҷ. 5. – С. 157. 19364. – Ҷ. 14. – С. 106).

Пешгӯии паёмбари акрам (с) имрӯз воқеиятест, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар он ба сар мебарад. Дар натиҷаи густариши мавҷи бебандубориҳои ҷинсӣ ва фасоди ахлоқӣ дар бештар аз ним асри гузашта бемориҳои вогир ва дармоннопазире, ба монанди ВИЧ СПИД, сифилис ва ғайра дар ҷаҳон бо суръат дар ҳоли паҳншавӣ мебошанд ва ҳамарӯза ҳазорон одамро ба коми марг фурӯ мебаранд. Дар ҷаҳон имрӯз наздик ба панҷоҳ миллион нафар гирифтори бемории СПИД ба қайд гирифта шудааст, ки мудҳиштарин вабои аср ба шумор меравад.

ан мамнӯъ гардонидааст. (Маҳрамҳо бар пояи фитрат ва бар асли офариниши Худованд хешу табор ва пайвандони инсон қарор гирифтаанд ва аз ҳар гуна наздиконе, ки ба дигар воситаҳо барои ӯ ба вуҷуд меоянд, болотар мебошанд. Бинобар ин, бастани ақди никоҳ ва барқарор намудани ҳар гуна робитаҳои заношавҳарӣ бо онҳо аз назари ислом қатъан мамнӯъ гардидааст. Инсон бояд бо барқарор сохтани ақди никоҳ бо ғайри онҳо ҳалқаи дуюми хешу табориро дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оварад).

(Илова бар ин, дар аҳком ва фармудаҳои Худованд ҳикматҳое нуҳуфтааст, ки бо гузашти замон аз рӯи порае аз онҳо парда бардошта мешавад, вале ҳамаи онҳоро ба таври фарогир танҳо худи Худованд медонад. Имрӯз илми пешрафтаи башарӣ исбот намудааст, ки ҳамсатҳӣ ва наздикии генҳои виросатӣ (генҳои интиқолдиҳандаи хусусиятҳои ирсӣ) дар ин ҳалқаи пайвандҳо (маҳрамҳо) боиси заъф ва носолимии насл мегардад. Берун аз доираи занҷираи хешовандони маҳрам аллакай дигаргуние дар генҳои виросатӣ мушоҳида мегардад. Ҳарчанд ин дастоварди илмӣ наметавонад тамоми ҳикматҳо ва паҳлӯҳои гуногуни мамнӯияти никоҳи маҳрамҳоро бозгӯ намояд, вале ба ҳар ҳол, ниҳоят дақиқ ва худоӣ будани аҳком ва муқаррароти дини исломро бори дигар собит месозад).

б) Барои баста шудан ва эътибори шаръӣ пайдо кардани ақди никоҳ ҳузури ду шоҳид шарти асосӣ дониста шудааст, дар сурате ки барои дигар қарордодҳои дуҷониба ҳузури ҳеҷ шоҳиде шарт ва зарурӣ намебошад, балки шоҳид гирифтан дар онҳо амри мустаҳаб ва равиши беҳтар мебошад. Агар дар онҳо шоҳиде ҳам ҳузур надошта бошад, он қарордодҳо эътибори шаръӣ ва ҷанбаи қонунӣ пайдо менамоянд ва аҳаммияти шоҳид танҳо вақте эҳсос мегардад, ки дар миёни ду ҷониби қарордод ихтилофе пеш ояд. Вале ақди никоҳ бе ҳузури ду шоҳид ботил ва беасос мебошад.[1]

Ислом ба меҳвари хонавода ба унвони маъвои оромишу осоиш, амну амонӣ ва муҳаббату раҳмат менигарад ва пайванди зану шавҳарро бар пояи муҳаббату дилбастагӣ, унсу улфат ва дилсӯзию раҳмат бино медорад. Ислом мехоҳад паймони заношавҳарӣ чунон муҳкам бошад, ки бо каме дилмондагӣ, дар зери ҷӯши эҳсосоти инсонӣ ва бо ҳар баҳонае гусехта нашавад. Сухани Умар ибни Хаттоб (рз) ба марде, ки ҳамсарашро ба баҳонаи дӯст надоштан мехост талоқ кунад, бисёр муассир ва пурмуҳтавост, он ҷо ки мефармояд: *«Вой бар ту, оё хонаводаҳо танҳо бар пояи меҳру муҳаббат бино нагаштаанд?! Пас аҳду вафо куҷо шуд ва дурӣ аз нангу ор ва худдорӣ аз маломат ва зикри бадро чӣ шуд?!».*[2]

[1] Иқтибос аз Тафсири навини Қуръони карим зимни тафсири ояти 229 сураи Бақара.

[2] Тибқи фармудаҳои Қуръон, яке аз нишонаҳои Парвардгор он аст, ки ҳамсар ва ҷуфти мардро аз ҷинси худаш офаридааст, то барои онҳо оромиш ва сукунат ҳосил шавад ва муҳаббату раҳмат ангеза ва неъмати маънавие аст, ки Худо дар байни зану шавҳар ба вуҷуд меоварад (Рум, 30: 21). Вале бунёди хонавода аз назари ислом ҳадафҳо ва дурнамои васеътаре дорад, ки агар гоҳе муҳаббату дилбастагӣ бо сабабҳое миёни зану шавҳар аз байн рафта ё камтар гашта бошад, яъне ҳамдигарро дӯст надоранд ҳам, боз Қуръон тарафдори қатъи сареи робитаи заношавҳарӣ ва аз ҳам ҷудо гаштани онҳо нест, балки мефармояд: **«Пас агар онҳоро бад дидед (дӯст надоштед), шояд чизеро бад бинед ва Худо дар он (барои шумо) хайри бисёре гардонида бошад»** (Нисо, 4: 19). Қисмати дуюми сухани Умар (рз) дар матн ба ҳамин маъно далолат дорад. Тарбияи фарзандон ва ҳифзи шарафи хонавода аз ҷумлаи чунин ҳадафҳо ва дурнамо дар хонавода аст.

Дар Канзулъуммол низ аз Умар (рз) сухане наздик ба ин маъно зикр шудааст: Ривоят шуда, ки Абуғарза (рӯзе) дасти Ибни Арқамро гирифта, ба назди занаш бурд ва ба занаш гуфт: Оё маро бад мебинӣ (дӯст намедорӣ)!? (Занаш) гуфт: Оре. Ибни Арқам (ба Абуғарза) гуфт: Туро чӣ чизе ба ин корат водошт!? Гуфт: Сухан (ва маломат)-и мардум бар ман бисёр шуд. Ибни Арқам назди Умар ибни Хаттоб омад ва ӯро хабар дод. Умар Абуғарзаро фаро хонд ва пурсид: Туро чӣ чизе бар ин корат водошт!? Гуфт: Сухан (ва маломат)-и мардум бар ман зиёд шуд. Он гоҳ занашро фаро хонд ва ӯ ҳамроҳ бо аммае зишташ биёмад. Аммааш (пеш аз омадан) ба вай гуфт: Агар туро (аз ин кор) пурсад, бигӯ: Маро савганд дод, пас дӯст надоштам ки (ӯро) дурӯғ гӯям. Умар ба вай гуфт: Туро чӣ чизе ба ин гуфтаат водошт!? Гуфт: Вай маро савганд дод, пас дӯст надоштам, ки (барояш) дурӯғ гӯям. Умар фармуд: Оре, бигузор яке аз шумо (занон, дар чунин мавридҳо) дурӯғ гӯяд ва муҷомала (рафтори зебо ва муаддабона) кунад, зеро на чунин аст, ки ҳамаи хонаводаҳо бар асоси муҳаббат бино меёбанд, валекин (гоҳе) барои муошарати бар ҳасабҳо ва барои ислом (бино меёбанд ва нигоҳ дошта мешаванд) (Алоуддин, Алӣ ибни Ҳусомуддин маъруф ба Муттақии Ҳиндӣ. Канзулъуммол, 45859. – Ҷ. 2. – Бейрут: Байту-л-

ФОИДАҲОИ НИКОҲ

Худованд мефармояд:

وَمِنْ ءَايَـٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَـٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

«Яке аз нишонаҳои (қудрат ва осори ҳикмати) Худованд он аст, ки аз нафс (навъ)-и худатон барои шумо ҳамсароне офарид, то дар канори онҳо сукунат ва оромиш пайдо кунед ва дар миёнатон дӯстию (муҳаббат) ва (дилсӯзию) раҳмат ба вуҷуд овардааст».[1]

Ҳикматҳои маънавӣ, равонӣ ва иҷтимоии никоҳ зиёд мебошанд. Аз ҷумла никоҳ:

а) Заминаи бақо ва идомаи насли одамро фароҳам месозад.

б) Ниёзи фитрӣ ва майли табиии марду занро барои баровардан ва ишбоъ (сер намудан)-и ғаризаҳо ва майлҳои ҷисмии якдигар аз роҳи машрӯъ посух медиҳад.

в) Ҳамкорӣ ва шинохти масъулияти зану мардро барои нигаҳдорӣ ва тарбияи фарзандон ба вуҷуд меоварад.

г) Равобити миёни марду зан, бар асоси риояи ҳуқуқ ва анҷоми масъулият дар чаҳорчӯбаи се асли: «оромиш», «дӯстӣ» ва «дилсӯзӣ» ва ё ба таъбири Қуръон «сукунат, мавaддат ва раҳмат» танзим мешаванд.

ғ) Дар инсон эҳсоси масъулият ва талошу пӯёӣ дар роҳи таъмини заминаҳои рафоҳияти зиндагӣ барои хонавода ба вуҷуд меоварад ва пояҳои шахсияти иҷтимоии ӯро таҳким мебахшад. Хулоса, хонавода барои парвариши ҷанбаҳои гуногуни шахсияти фард мактаби амалӣ ва сайқалдиҳандаи зарфиятҳои фитрии ӯ мебошад.

д) Хонавода зинаи болотар ва пайванди миёнаи фард ва ҷомеа мебошад. Бинобар ин, ворид шудан ба ҳаёти оилавӣ рӯҳиёти иҷтимоӣ ва тачрибаи муошират бо мардумро амалан дар шахсияти ӯ тақвият мебахшад.

ҲОЛАТҲОИ ИЗДИВОҶ

Издивоҷ ва хонадор шудан се ҳолат дорад:

1. Ҳолате аст, ки издивоҷ кардани шахс дар он воҷиб ва зарур мебошад. Ин дар вақти сахт бедор шудани майлҳои шаҳвонӣ ва ғаризаҳои ҷисмии вай ба ҷинси муқобил мебошад. Зеро дар ин ҳолат, агар издивоҷ нанамояд, ба яқин, ангезаҳои бедоргаштаи шаҳвонӣ ӯро ба ҳаром ва зино гирифтор мегардонанд. Издивоҷ кардан дар ин ҳолат воҷиб мебошад ва он ҳам ба шарте имкони барпо намудани оилаеро аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад.

Дар чунин ҳолат бояд аз ба дӯш гирифтани бори зиндагӣ, мушкилоти ҳаёти хонаводагӣ ва шароити сахти иқтисодӣ наҳаросад, зеро барпо намудани оила ҳамон гуна ки барои худи шахс дар ин марҳала зарур аст, гоҳо барои кишвар ва миллат низ аҳаммияти демографӣ[2] дошта, дар таъйини сарнавишти наслҳои баъдӣ ва ҳифзи генофонди миллӣ нақши муассире мебозад ва Худованд ӯро дар чунин ҳолат мададгор аст. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Кӯмаки се гурӯҳи одамон бар Худованд ҳақ аст: а) мукотабе, ки адои зиммаи худро мехоҳад, б) барпокунандаи оилае, ки афофу покиро аз он меҷӯяд, в) муҷоҳиди дар роҳи Худои таъоло».***[3]

2. Дар шароити табиӣ ва дар ҳолати эътидоли ангезаҳои шаҳвонӣ ва майлҳои ҷисмӣ дар инсон, вақте заминаҳои бунёди хонавода фароҳам бошанд, издивоҷ кардан суннати муаккада аст.

3. Дар сурате шахс барои бинои хонавода ва ба дӯш гирифтани бори масъулияти зиндагӣ омода набошад ва бо гумони ғолиб бидонад, ки наметавонад ҳадафҳои бинои хонаводаро барои худ ва ҳамсараш таҳаққуқ бахшад ва ё ин, ки издивоҷ сабаби ҷавру зулми ҳамсараш ва поймол намудани ҳуқуқҳои якдигар мегардад, дар ин ҳолатҳо издивоҷ барои вай макрӯҳи таҳримӣ мебошад.

Вале агар ба сар задани ин вазъ – ҷавру ҷафои зан ва сар задани ҳар гуна рафтори хилофи шаръӣ – яқин ва ба таври қатъӣ бовар дошта бошад, пас издивоҷ бар вай ҳаром мебошад.

афкори-д-давлийя, 2005).

[1] Сураи Рум, 30: 21.

[2] Демография яке аз соҳаҳои илми статистика (оморшиносӣ) буда, таркиби ҷойгиршавӣ, шумора, ҳаҷми афзоиш ва дигар ҳолатҳои аҳолиро меомӯзад.

[3] Сунани Тирмизӣ, 1655; Сунани Насоӣ, 3120, 3218; Сунани Ибни Моҷа, 2518.

Фасли дуввум

ШАРТҲО ВА РУКНИ НИКОҲ

1. ***Ҳузур ва иҷозати валӣ:*** Зану марде, ки ҳанӯз аз валӣ ва сарпараст бениёз нагашта бошанд, яъне аз назари хурдсолӣ ва ё норасоии фикрӣ (ноқисулақлӣ) ҳанӯз ҳуқуқи мустақилона зистан ва дигар салоҳиятҳои ҳуқуқии худро соҳиб нагашта бошанд, иҷозат ва ҳузури валӣ ва сарпарасти онҳо барои дуруст гардидани ақди никоҳ шарт ва зарурӣ мебошад. Паёмбари Худо (с) мефармояд: ***«Никоҳ дуруст намегардад, магар бо иҷозат ва ҳузури валӣ».***[1]

Аз назари ҷумҳури аҳли суннат иҷозати валӣ ва сарпараст ҳатто барои дуруст гардидани никоҳи зани болиға низ шарт дониста шудааст, зеро расули Худо (с) дар ҳадисе фармудааст: ***«Кадом зане бе иҷозати валии худ ба никоҳ (шавҳар) барояд, никоҳи вай ботил аст, ботил аст, ботил аст …».***[2]

Вале машоихи мазҳаби ҳанафӣ бо истинод ба оятҳои Қуръони карим дар ин бора ва ба маҷмӯаи осоре, ки дар ин замина ривоят шудаанд, ин ҳадис ва иршоди набавиро бар аҳаммияти иҷозат ва ҳузури валии зан дар ақди никоҳ ҳамл намудаанд, на ҳамчун шарте, ки никоҳ бе он дуруст нагардад. Бинобар ин, ақди никоҳи зани болиғаро бе иҷозати сарпарасташ ҷоиз дониста ва дар айни ҳол агар зан ба ноҳамшаъне ақд баста бошад, ҳаққи дахолат ва фасхи никоҳро барои валияш қоил шудаанд.

2. ***Ҳузури ду шоҳид:*** Дар маросими ақд ҳузури ҳадди ақал ду нафар шоҳид шарт аст.[3] Шоҳидҳо низ бояд дорои хусусиятҳо ва шартҳои зерин бошанд, то шаҳодати онҳо пазируфта шавад:

а) Шумораи онҳо – ду нафар мард ва ё як мард ва ду зан бошад.

б) Мусулмон бошанд.

в) Оқил ва болиғ бошанд.

г) Озод бошанд.

ғ) Одил ва парҳезгор бошанд.

Меъёри адолати шахс аз назари шаръ он аст, ки аз гуноҳони кабира ба куллӣ дурӣ намояд ва гуноҳони сағираро низ аксаран анҷом надиҳад. Бинобар ин, аз назари ҷумҳури аҳли суннат шаҳодат (гувоҳӣ)-и одамони фосиқ: зинокор, шаробхор, рибохор ва ғайра дар ақди никоҳ ҷоиз нест. Аммо бар асоси назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ шоҳидии одамони фосиқ хуб ҳам набошад, вале ҷоиз аст ва ақди никоҳ бо он дуруст мегардад.[4]

---

[1] Сунани Абудовуд, 2085; Сунани Тирмизӣ, 1101; Сунани Ибни Моҷа, 1881.

[2] Сунани Абудовуд, 2083, 2084; Сунани Тирмизӣ, 1102; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4062. – С. 705.

[3] Тирмизӣ дар боби: «Никоҳ бе шоҳидон дуруст намешавад», овардааст: *«Амал бар ҳамин асл аст дар назди аҳли илм аз саҳобагони паёмбар (с) ва пас аз онҳо тобеин ва ғайрашон. Онҳо (ҳама) гуфтанд: Ҳеҷ никоҳе дуруст намегардад, магар бо ҳузури шоҳидон (ва) дар ин (амр) ихтилофе надоранд»* (Сунани Тирмизӣ, китоби никоҳ, боби 16. – С. 463). Низ ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: ***«Ҳеҷ никоҳе дуруст намегардад, магар бо баййина (ҳуҷҷат)»*** (Сунани Тирмизӣ, 1104). Ҳамон шоҳидон ҳуҷҷати он мебошанд.

Боз ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: «Никоҳе нест, магар бо валӣ ва ду шоҳиди адл ва ҳар никоҳе ба ғайри ин бошад, он ботил аст…» (Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4063. – С. 705). Ибни Ҳиббон ба нақл аз Абуҳотим мефармояд: Ба ҷуз ин хабар дар бораи зикри шоҳидҳо (дигар ривояти) саҳеҳе вуҷуд надорад (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. –С. 5).

[4] Чӣ тавре мулоҳиза мешавад, дар ҳадис ба одил будани шоҳидон ишора шудааст ва адолати комил шартҳои зикршуда дар матнро тақозо менамояд, вале машоихи мазҳаб онро ба ваҷҳи истеҳбоб ҳамл карда, адолати нисбии шоҳидонро дар ақди никоҳ кофӣ донистаанд. Адолати нисбӣ дар ҳаққи онҳо бо исломашон таъмин мешавад.

Ба ин маъно, ки шоҳидон вақте мусулмон бошанд, ҳарчанд фосиқ ҳам бошанд, ақди никоҳ бо гувоҳии онҳо саҳеҳ мегардад ва дар ин боб адолати комили онҳо шарт нест. Зеро бар асоси меъёрҳои шаръ шахси фосиқ дар баъзе ҳолатҳо метавонад ҳоким бошад, қозӣ таъйин намояд, имоми намоз бошад, пас шоҳид ҳам шуда мета-

Бар ҳамин асос, ақди никоҳ бо ҳузур ва гувоҳии як шоҳид ё ду кӯдаки ба балоғат норасида ва ё ду девона ва ё ду ғулом дуруст намешавад. Ҳамчунин дар ҳузури ду шоҳиди ғайри мусулмон низ дуруст намегардад, вале агар марди мусулмоне бо зане аз аҳли китоб: яҳудиён ва насрониён издивоҷ намояд, никоҳи онҳо бо ҳузури ду шоҳид аз худи онҳо, яъне аҳли китоб дуруст мегардад. Зеро дар никоҳи занони ғайри мусулмон мусулмон будани шоҳидон шарт нест.[1]

Шоёни зикр аст, ки ҳузури ду шоҳид дар вақти бастани ақд шарти сиҳат ва дуруст гардидани никоҳ аст.

3. *Ризояти зан.* Яке аз шартҳои дигари дуруст гардидани никоҳ дар назди ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат ризояти ҷонибайн, ба хусус ба даст овардани ризояти зан аст. Дар замони ҷоҳилият зан дар таъйини сарнавишти хеш ҳеҷ дахле надошт ва барои вай дар интихоби ҳамрадифи ҳаёт ҳеҷ гуна ҳаққи тасмимгирие қоил набуданд, балки вайро ба таври маҷбурӣ ва бе пурсиши қаблӣ ба касе, ки сарвари хонавода бар асоси манофеи қабилавии худ муносиб медонист, ба занӣ медод.

Дини ислом тамоми кафолатҳои иҷтимоиро аз назари ҳуқуқӣ барои зан таъмин намуда, вайро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа амалан дорои шахсияти мустақил ва соҳиби иродаву тасмим эълон кард. Дар мавриди никоҳ, ки аз ҳассостарин масоили иҷтимоӣ аст, ризояти ӯро ба **эътибор гирифта, ҳаққи тасмими ниҳоиро дар дасти вай қарор дод.**

Расули акрам (с) мефармояд: ***«Зани бева ба никоҳ (шавҳар) бароварда намешавад, то он ки амр ва тасмими вай ба даст оварда шавад ва духтари бикр ба никоҳ бароварда намешавад, то он ки аз вай иҷозат пурсида шавад»*** *Гуфтанд: Эй расули Худо (с), иҷозати вай чӣ гуна ба даст оварда мешавад? Фармуд:* ***«Иҷозати вай ин аст, ки сукут намояд».***

Бинобар ин, назари шаръ дар ин маврид он аст, ки ҳангоми хостгорӣ падар ва ё дигар сарпарастони зан дар бораи марди хостгор ва барпо намудани оила бо вай машварат намоянд ва назари ӯро дар ин бора ҷӯё шаванд ва тасмими ниҳоии ӯро ба даст ованд. Зани бева ва шавҳардида бояд бо сароҳат назар ва тасмими худро эълон намояд ва духтари бикр агар пас аз машварат ва пурсидан сукут кард ва хомӯш истод, он аломати ризои ӯст ва ҳамин кифоя аст.

Аммо вақте зани бева бо сароҳат пешниҳоди хостгорро рад кард ва духтари бикр ба ҷазаъ афтод ва ё ба тариқе норизоятии худро изҳор намуд, дигар онҳоро маҷбуран ба никоҳ бароварда намешавад. Ин ибора ба ду маъно далолат мекунад: а) Аввал ин ки бе иҷоб ва қабули он (зан)-ҳо – бе бахшидани тану нафс ва қабули мард ба шавҳарӣ никоҳ дуруст намегардад ва б) агар онҳо ба гуфтани лафзи иҷоб ва бахшидани тану нафси худ маҷбур сохта шаванд ва дар зери фишор ба он розӣ шаванд, дар ин сурат дар назди бузургони мазҳаби ҳанафӣ никоҳ шаръан дуруст мегардад, вале зан ҳаққи муроҷиат ба додгоҳ ва талаби фасхи онро дорад.

Тавсияи ислом дар ин ҳолат, бо вуҷуди дуруст гардидани никоҳ, он аст, ки ба ирода ва тасмими зан арҷ ниҳода шавад ва аз чунин васлатҳои маҷбурӣ худдорӣ ба амал ояд. Зеро эҳтимоли бурузи хушунат ва ҳаводиси ғайричашмдошт дар чунин издивоҷҳо дар ҳар лаҳза вуҷуд дорад ва илова бар ин, чунин пайвандҳои заношавҳарӣ аз хайру баракат ва муҳаббатҳои дуноҷиба низ холӣ мебошанд.

Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, ки духтари бикре ба расули Худо (с) шикоят кард, ки падараш ӯро ба никоҳ баровардааст, дар ҳоле ки онро намехоҳад. Паёмбар (с) ихтиёри ӯро ба дасти худаш дод.[2] Ҳамчунин ривоят шудааст, ки шавҳари Хансо бинти Хизоми Ансорӣ Унайс ибни Қатода дар ҷанги Уҳуд ба шаҳодат расид. Пас аз он падараш ӯро ба марде аз банӣ Авф ба шавҳар дод. Хансо он мардро бад дид ва ба Абулубоба ибни Абдулмунзир аз худ тамоюл нишон дод ва амри худро ба расули Худо (с) бардошт. Расули Худо (с) ба падараш амр кард, ки ӯро ба касе, ки дӯст медорад, бидиҳад. Вай пас аз он ба Абулубоба издивоҷ намуд.[3]

вонад, ҳарчанд ҳузури шоҳидони одил хуб ва марвиди таъйиди ҳамешагии шаръ аст.

Дар матнҳои фиқҳӣ ва китобҳои муътабари мазҳаб, ба монанди Ҳидояи шариф (Ҷ. 3. – С. 5), Радду-л-муҳтор (Ҷ. 4. – С. 73-76) ва ғ. бо сароҳат ба ин амр ишора шудааст.

[1] Абдулҳамид Маҳмуд Таҳмоз, ал-Фиқҳу-л-исломӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 65; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 86.

[2] Сунани Абудовуд, 2096; Сунани Ибни Моҷа 1875.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 5138, 6945; Сунани Абудовуд, 2101;

Шоён зикр аст, ки ин амр – ба даст овардани ризояти зан барои ақди никоҳ бинобар назари машоихи ҳанафӣ ба занони болиғ иртибот дорад, на ба духтарони ба балоғат норасида, ки ҳанӯз дар зери сарпарастии падаронашон қарор доранд.

4. ***Салоҳият ва фориғ будани маҳал – зан барои ақди никоҳ.*** Яке аз шартҳои умумӣ барои дуруст гардидани ақди никоҳ салоҳият ва фориғ будани маҳал барои он аст. Манзур аз маҳал зани ақдшаванда аст, ки мавзеи бастани ақд ба шумор меравад. Ба ин маъно, ки аз ҷавози он монеи шаръие, ба монанди маҳрамият, дар қайди никоҳи шахси дигар будан ва ғайра, монеъ нагардад. Мас., агар зан аз ҷумлаи маҳрамҳои мард бошад, дигар салоҳияти маҳалли ақди никоҳ қарор гирифтанро надорад, агар дар қайди никоҳи шахси дигар бошад, маҳаллият дар вай собит аст, вале бо никоҳи шахси дигаре машғул ва банд аст.

Маҳаллияти ақди никоҳ ба сабаби монеи шаръӣ ё муваққатан банд ва машғул мегардад ва ё ба таври абадӣ аз байн меравад. Ин мавзӯъ – аз байн рафтани маҳаллият барои ақди никоҳ ба сабаби монеи шаръӣ ва ё банд шудани он ба никоҳи шахси дигаре дар фасли маҳрамҳо ва занони шавҳардор пайгирӣ мешавад.

5. ***Иҷоб ва қабул ва ё бастани ақд:*** Иҷоб ва қабул ва ё бастани ақд рукни никоҳ ба шумор меравад. Сиғаи ақд ва лафзҳои ифодакунандаи иҷоб ва қабул, ҳамон гуна ки баён хоҳад шуд, аз калимаҳои махсусе иборат ҳастанд, ки бавуҷудоварандаи ин қарордод буда, ҳар ду ва ё яке аз онҳо ба замони гузашта (мозӣ) далолат мекунанд ва он (ақд) бо калимаҳои замони оянда, ки ифодагари ҷумлаи хабарӣ ва навъе ваъда мебошанд, дуруст намегардад. Ба ин маъно, ки бояд лафзи иҷоб ва қабул ҳар ду ва ё лоақал яке аз онҳо сиғаи замони мозӣ бошад. Агар ҳар ду ба замони ҳол ва ё мустақбал (оянда) далолат намоянд, ақди никоҳ дуруст намегардад.

Тафовути рукн аз шарт дар муомилот ва қарордодҳои дуҷониба, чӣ тавре дар муқаддимаи китоб зикр гардид, дар он аст, ки бо набудани рукн он амал аз асл бекор ва ботил мебошад ва ҳеҷ гуна осори ҳуқуқӣ ва масъулияти иҷтимоиеро ба бор намеоварад, вале бо фуқдони шарт фосид мегардад ва баъзе осор ва масъулиятҳоеро ба ҳамроҳ дорад.

ОДОБ ВА СУННАТҲОИ НИКОҲ

1. ***Нигоҳ кардан ба зани хостгоришуда.*** Яке аз тадбирҳои маърифатие, ки ислом барои эҷоди муҳаббат дар байни марду зан ва таҳкими пояҳои ҳаёти оилавӣ ба он тавсия намудааст, нигоҳ кардани марди хостгор ба зани мавриди назараш ва дидани якдигар пеш аз хостгорӣ ва ақди никоҳ мебошад. Зеро онҳо бо ин тадбир ва ё иқдоми муқаддамотӣ ба шаклу қиёфа ва ҳусну ҷамоли якдигар шинос мешаванд ва Худованд – агар хоста бошад – дар қалби онҳо дар ҳамон нигоҳи аввал муҳаббати ҳамдигарро меандозад.

Аз Муғира ибни Шуъба ривоят шудааст, ки ӯ занеро хостгорӣ кард. Паёмбар (с) фармуд: ***«Ба вай нигоҳ кун (вайро бубин), зеро он барои эҷоди улфат ва идомаи муҳаббат дар байни шумо муносибтар аст».***[1]

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Вақте касе аз шумо занеро хостгорӣ кард, агар битавонад ба он (мавзеъҳое аз ҷисми зан) назар кунад, ки ӯро ба никоҳаш ҳавасманд гардонад, онро анҷом диҳад»*** (Ровии ҳадис – Ҷобир) мегӯяд: *Пас аз он занеро хостгорӣ кардам. Пинҳон мешудам ва ба вай нигоҳ мекардад, то он ки аз ӯ чизеро дидам, ки маро ба никоҳаш шавқманд намуд ва ӯро тазвиҷ кардам».*[2]

Дар илми равоншиносии муосир низ таъсироти нигоҳи аввал дар рӯҳиёти инсон бисёр созанда ва азим арзёбӣ шудааст.

Ин нигоҳи мард ба зан вақте ҷоиз аст, ки нияти хостгории вайро дошта бошад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте Худо дар дили касе аз шумо хостгории занеро андохт, боке надорад, ки ӯро бубинад ва ба вай нигоҳ кунад».***[3]

Огоҳ намудан ва ё иҷозат пурсидан аз зан

Сунани Насоӣ, 3268; Сунани Ибни Моҷа, 1873; Мусаннафи Абдурраззоқ, 10308, 10309. – Ҷ. 6. – С. 65.

[1] Сунани Тирмизӣ, 1087; Сунани Насоӣ, 3235; Сунани Ибни Моҷа, 1866; ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 63

[2] Сунани Абудовуд, 2082.

[3] Сунани Ибни Моҷа, 1864; Мустадраки Ҳоким, 5895. – Ҷ. 4. – С. 540. Ҳадис бо роҳҳои ривоят шудааш саҳеҳ аст.

дар ин кор шарт нест, балки бе огоҳсозии пешакӣ, вақте нияти хостгории занеро дошта бошад, метавонад ба вай нигоҳ кунад.

Дар назди ҷумҳури аҳли суннат мард метавонад чанд бор ва ба таври мукаррар ба зане, ки хостгории вайро мехоҳад, нигоҳ кунад, вале бояд танҳо ба рӯй, кафи дастон ва қоматаш назар намояд. Рӯй асосан зеботарин андоми зан ва тамошогаҳи ҳусни ӯст, пас бо нигоҳ ба рӯи ӯ метавон ба ҳусну ҷамол ва дигар ҳолатҳои равонии вай пай бурд.

Шоёни зикр аст, ки ин тадбир – нигоҳ кардани марди хостгор ба зани мавриди назараш амри мустаҳаб ва шаръан хуб ва писандида аст.

Моҳиятан метавонем шиносоии мардро аз зане, ки мехоҳад аз ӯ хостгорӣ намояд, ба се зина тақсим намоем: **а)** шиносоии зоҳирӣ, **б)** шиносоии ботинӣ ва в) шиносоии хонаводагӣ.

а) Шиносоие, ки аз нигоҳ ба рӯй, кафи дастон ва қомати зан барои мард ҳосил мешавад ва дар аҳодиси набавӣ ба он амр шудааст, шиносоии зоҳирӣ мебошад ва мард дар ин зина танҳо ба зебоии чеҳра, сару сурат, қаду қомат ва саломати ҷисмонии зан шинос мешавад.

б) Зинаи дигаре аз шиносоӣ, ки мард бояд аз ҳамсари ояндаи худ дошта бошад, шиносоии ботинӣ аст ва он аз шиносоӣ ба эътиқодоти динӣ, ахлоқи фардӣ ва иҷтимоӣ ва ба таври умумӣ аз шиносоӣ ба тарзи тафаккур, фарҳанги иҷтимоӣ ва андешаи инсонии вай иборат аст.

Ростӣ, касе, ки на барои баровардани майлҳои шаҳвонӣ, балки барои тақвияи арзишҳои имонӣ, рушди андешаҳои инсонӣ, расидан ба ҳадафҳои баланди иҷтимоӣ ва пурбор намудани хирмани маърифат издивоҷ менамояд, ба ин зинаи шиносоӣ аз ҳама бештар аҳаммият медиҳад. Қуръони карим мефармояд: **«…Ва канизи муъмине аз озодазани мушрик беҳтар аст, ҳарчанд (зоҳири зебои вай) шуморо ба шигифт оварад».**[1]

Дар ҷои дигар дар баёни фалсафаи созгории ҳамаҷонибаи марду зан мефармояд: **«…Онҳо барои шумо либосе ҳастанд ва шумо барои онҳо либосе ҳастед».**[2] Бинобар ин, ҳар кас бояд барои ҳаёти хонаводагии худ либосе – ҳамсаре интихоб намояд, ки барои ифодаи ҳадафҳои зиндагонӣ комилан ҷавобгӯ бошад.

Расули акрам (с) низ дар ин замина мефармояд: ***«Дунё иборат аст аз баҳрамандӣ ва беҳтарин баҳраи он зани солеҳа аст».***[3]

1) Шиносоӣ бо хонаводаи зан зинаи охирин ва болотарин сатҳи шиносоӣ бо зан ба шумор меравад ва ҷониби мард дар он на танҳо ба роҳу рафтор, диёнат, ахлоқу фарҳанг ва наҷобати зан ва аҳли хонаводааш шиносоӣ пайдо мекунад, балки аз тариқи он метавонад ба умқи шахсият, андешаҳои инсонӣ ва ҳатто хусусиятҳои ирсии зан пай бибарад. Ҳадисҳое, ки дар мавзӯи «Интихоби ҳамсари муносиб» зикр шудаанд, ба хубӣ назари шаръро дар ин маврид баён месозанд.

2. Хостгорӣ: Дар маросими хостгорӣ беҳтар аст одамони бодиёнат ва парҳезгор ширкат намоянд ва маросими хостгориро бо номи Худованд ва ҳамду санои Ӯ оғоз кунанд. Аз омехтани мардону занони номаҳрам мумониат ба амал ованд.

3. Арӯсӣ: Дар маросим ва ҷашни арӯсӣ омода намудани таом ва даъвати хешону дӯстон ва камбағалон мустаҳаб аст.[4] Аммо иштирок намудани даъватшудагон дар ҷашн, агар корҳои хилофи шаръие дар он сурат нагирад, воҷиб мебошад.

4. Дуо ва табрикоти шодбош. Ҳамчунин хуб аст, ки хешону дӯстон ва дигар даъватшудагон барои хушбахтиву саодати ду ҷуфтшаванда дуои хайр ва орзуҳои нек намоянд. Паёмбар (с) вақте шахси навиздивоҷкардаеро табрик мекард, дар ҳаққаш дуо мекард: ***«Борака-л-лоҳу лака ва борака ъалайка ва ҷамаъа байнакумо***

---

[1] Сураи Бақара, 2: 221.

[2] Сураи Бақара, 2: 187.

[3] Саҳеҳи Муслим, 3628 (1467)-64; Сунани Насоӣ, 3232.

[4] Ривоят шудааст, ки *«Абдурраҳмон ибни Авф ба назди расули Худо (с) омад, дар ҳоле ки бар ӯ (нишонаи хурсандӣ ва) сафедие дида мешуд. (Паёмбар (с) пурсид: **Ин нишонаи чист?**. Ӯро хабар дод, ки бо зане аз ансор издивоҷ намудааст. Боз аз вай пурсид: **Чӣ қадар ба наздаш бурдӣ, яъне чӣ қадар маҳр додӣ?** Гуфт: Ба вазни як дона тило. Он ҳазрат (с) фармуд: **Бо гӯсфанде ҳам бошад, валима (тӯй) кун»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2049, 5153, 5167; Сунани Насоӣ, 3351).

Аз маҷмӯи аҳодис, иршодот ва амалкардҳои расули Худо (с) бармеояд, ки додани тӯйе барои издивоҷ ва даъвати баъзе одамон ба он аз суннатҳои он ҳазрат (с) мебошад, вале куштани гӯсфанд ва умуман, забҳ кардани чорвое зарурати воҷибӣ надорад, балки мешавад онро бо ҳар навъ таом ва хӯрише барпо намуд.

фӣ хайрин» *(Худо ин корро бароят муборак гардонад ва бар ту дар он баракат ниҳад ва шуморо бо хайр гирд оварад).*[1]

5. Худдорӣ аз хостгорӣ бар хостгории шахси дигар. Яке аз меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои имонӣ дар мавриди хостгорӣ он аст, ки бандаи муъмин ба болои хостгории бародари муъминаш аз зане иқдом нанамояд ва ба барномаи пеш аз издивоҷии ӯ халал нарасонад. Агар зан хостгории мардро қабул кард, бар дигарон ҳаром аст, ки ба болои он иқдом намоянд ва кори ӯро вайрон кунанд. Аммо агар пешниҳоди мардро рад кард ва ё марди хостгор бо сабабе аз идомаи кор худдорӣ намуд, дар он сурат дигарон метавонанд худро барои хостгорӣ пешниҳод кунанд.

Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки *«расули Худо (с) аз хостгорӣ кардани мард ба болои хостгории бародараш наҳӣ намуд, то он ки хостгори аввал онро тарк намояд ва ё ба вай дар ин кор иҷозат диҳад».*[2]

Шоёни зикр аст, ки пас аз хостгорӣ, ба хусус пас аз ризояти ҷониби зан, бе ҳеҷ узр ва сабабе қатъ кардани кор дар нимароҳ ва тарки идомаи он макрӯҳ аст.

Машварат пурсидани зан дар бораи хостгорон аз шахси ботаҷриба ва аҳли амонат ва ҳамчунин машварат додани онҳо ба вай шаръан ҷоиз аст. Ривоят шудааст, ки Фотима духтари Қайс ба назди паёмбар (с) омад ва гуфт, Муъовия ва Абуҷаҳм ба хостгории ӯ омадаанд. Паёмбар (с) фармуд: ***«Аммо Муъовия фақири бемол аст ва аммо Абуҷаҳм асояшро аз гарданаш намегузорад. Бо Усома ибни Зайд издивоҷ кун!».***[3]

ТАФСИЛИ МАВЗӮИ НИКОҲ

1. Зан ба воситаи ақди никоҳ барои мард ҳалол мегардад. Бинобар ин, аз назари шариати ислом ҳамин ки барои мард ҳалол гардид, онҳо ҳақ доранд аз якдигар коми васл ва ҳар навъ хушиҳоро биҷӯянд, ба ҷуз ҷимоъ кардан аз роҳи ақиб, ки ҳароми маҳз аст.

2. Ақди никоҳ паймони дуҷонибае аст, ки бояд аз тарафи марду зан ва ё вакили (намоянда) онҳо, дар ҳузури на кам аз ду нафар шоҳид, эрод ва баста гардад. Зан: *«Худро ба никоҳи ту даровардам* ва мард: *«Қабул кардам»*, бигӯянд.[4]

Ё мас., вакили зан бигӯяд: «Фотима, духтари фалониро ваколатан ба никоҳи доимӣ ва ақди ҳамешагӣ ба муваккили (вакилкунанда) ту (намояндаи мард) додам». Вакили мард бигӯяд: *«Фотима, духтари фалониро ба никоҳи доимӣ барои муваккили худ Аҳмад қабул кардам».* Ё аз як тараф ин корҳоро вакил иҷро намояд ва аз тарафи дигар худи ақдшаванда ҳузури шахсӣ дошта бошад ва онро қабул кунад.

3. Сиға (шакл)-и феълии ду калимаи иҷоб (пешниҳод) ва қабул бояд ба замони гузашта далолат намоянд, мисли ин, ки шахсе бигӯяд:

---

[1] Сунани Абудовуд, 2130; Сунани Тирмизӣ, 1091; Сунани Ибни Моҷа, 1905. Дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст, ки паёмбар (с) ба Абдурраҳмон гуфт: *«Худо ин корро бароят муборак гардонад. Бо гӯсфанде ҳам бошад, тӯй кун»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 5155).

[2] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 5143; Саҳеҳи Муслим, 3440 (1412)-49.

[3] Саҳеҳи Муслим, 3681 (1480)-36, 3696-99 (1480)-47-50.

Муҳаммадтақии Усмонӣ дар Дарси Ҷомеи Тирмизӣ мефармояд: Вазъи зани хостгоришуда дар ин вақт се ҳолат дорад: 1. Ё пешниҳоди хостгорро қабул карда, барои издивоҷ бо вай розӣ шудааст, ки дар ин сурат иқдоми шахси дигаре ба болои хостгории вай бо иттифоқ ҷоиз нест, 2. пешниҳоди хостгорро рад намуда ва ё ба он тамоюле нишон надодааст, дар ин сурат иқдоми шахси дигаре ба хостгории ӯ бо иттифоқ ҷоиз аст, 3. ба пешниҳоди хостгор тамоюл дошта, вале онро ҳанӯз бо сароҳат ҷавоб надода бошад, дар ин сурат низ дар назди машоихи ҳанафӣ ва моликӣ иқдоми шахси дигаре ба хостгорӣ ҷоиз аст (Дарси Тирмизӣ. – Ҷ. 3. – С. 348, 349, бо каме ихтисор ва тасарруф дар ибораҳо).

Вале ба назар мерасад, ки хостгории шахси дигар дар сурати сеюм, ки зан дар ҳоли тараддуд ва машваратхоҳӣ аст, ҳаром ҳам набошад, кароҳият дорад, то амри хостгори аввал ба куллӣ равшан гардад, чуноне дар ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу (Ҷ. 7. – С. 25) омадааст.

Ба назар мерасад, ки Муъовия (рз) дар он давра дар фақру нодорӣ ба сар мебурдааст ва ҳанӯз ба молу сарвати казоие даст наёфта будааст. Абуҷаҳм бошад, ҳамон гуна ки аз дигар ривоятҳо бармеояд, бадмуомила ва дуруштрафтор буда, нисбат ба занон хушунат доштааст.

Аз баъзе ривоятҳои ин ҳадис бармеояд, ки Усома ибни Зайд (рз) низ аз ҷумлаи хостгорони Фотима духтари Қайс буда ва расули Худо (с) шахсияти ӯро дар ин мавриди бар дигарон тарҷеҳ додааст

[4] Ҳарчанд никоҳ паймони дуҷонибае дар миёни марду зан мебошад, вале он на дар сатҳи муқаррарии дигар қарордодҳои дуҷониба аст, балки Қуръони карим онро мисоқи муҳкам ва паймони устувор номидааст, он ҷо, ки мефармояд: **«…Ва бо якдигар (бо маҳрамонатарин сурат муошират ва) наздикӣ намудед ва (илова бар ин) аз шумо паймони сахте гирифтаанд»** (Сураи Нисо, 4: 21).

«Духтари худро ба никоҳи ту додам» ва ҷониби дигари қарордод *«Қабул кардам»* бигӯяд. Ё ин, ки каломи яке шакли мутолиба ва дархостро дошта бошад, мисли ин ки мард бигӯяд: *«Духтари худро бо никоҳ ба ман бидеҳ ва ё эй зан, худро ба никоҳи ман дарор»*. Падари духтар ё худи зан бигӯяд: *«Ба никоҳи ту додам»*. Ин калимаҳо агар аз тарафи ҳар яке аз вакилони марду зан ҳам дар ҳузури ду шоҳид ба забон оварда шаванд, ақд саҳеҳ ва баста мегардад.

4. Як нафар метавонад дар як вақт вакили марду зан ҳар ду шавад ва онҳоро ба ақди никоҳи якдигар дароварад. Мас., дар ҳузури ду шоҳид бигӯяд: *«Оиша муваккила (вакилкунанда)-и худро ба ақди никоҳи Маҳмуд муваккил (вакилкунанда)-и худ даровардам»*.

5. Агар зане ба марде иҷозат дод, ки ӯро барои худаш ақд намояд, мард метавонад дар ҳузури ду шоҳид занро ваколатан барои худ ақд намояд ва ба никоҳи худ дароварад.

6. Агар шахсе чанд духтар дошта бошад, ҳангоме ки яке аз онҳоро ба шавҳар медиҳад, зарур аст номи вайро шахсан бигиранд.

7. Шахсе ба дигаре бигӯяд: *«Духтари худ Марямро ба никоҳи ман бидеҳ ё дарор»* ва ӯ бигӯяд: *«Додам ва ё даровардам»,* дар ин сурат, хоҳ тарафи дигари паймон (мард) бигӯяд, *«Қабул кардам ё не»*, ақди никоҳ баста мегардад.

8. Дар сурате ки зан дар маҷлиси ақди никоҳ шахсан ҳузур дошта бошад ва ҳангоми бастани паймони издивоҷ (заношавҳарӣ) (падар) бо ишора ба сӯи ӯ (зан) ба мард бигӯяд, ки *«Ин шахсро ба никоҳи ту додам»* ва тарафи дигари қарордод (мард) гӯяд: «Қабул кардам», агарчи номашро набаранд ҳам, ақд баста мегардад.

9. Вале, дар сурате ки зан дар маҷлиси ақд шахсан ҳузур надошта бошад, гирифтани номи вай ва номи падараш ва ба шарте падараш машҳур набошад, бурдани номи падаркалонаш (бобояш) лозим мебошад, то ҳозирон ва иштироккунандагони маҷлис бидонанд, ки барои кадом зан ақд баста мешавад.

10. Ақди никоҳ бояд дар ҳузури ду шоҳид, ки аз ду мард ё як мард ва ду зани оқилу болиғ, озод ва мусулмон иборат ҳастанд, баргузор гардад, ба шарте ки ҳар ду шоҳид калимаҳои доду қабули тарафайнро якҷоя ва дар як вақт ба гӯши худ бишунаванд.

11. Шахсе дар хилват (танҳоӣ, бе шоҳид) бигӯяд, ки *«Духтари худ, Руқайяро ба ту додам»* ва ҷониби мард ҳам бигӯяд, ки *«Қабул кардам»,* ё ин корро дар ҳузури чанд зан ва ё дар ҳузури як мард ба мавриди иҷро гузоранд, ин ақд саҳеҳ намешавад.

12. Дар сурате ки ду шоҳид кофир ё хурдсол бошанд, ё як марди мусулмон ҳамроҳ бо ду зани хурдсол бошанд, никоҳ дуруст намегардад. Ҳамчунин агар шоҳидон ҳар ду девона ва ноқисулақл ва ё яке аз онҳо чунин бошад, ақди никоҳ дуруст намегардад.

Вале агар марди мусулмоне бо зане аз аҳли китоб: яҳудиён ва насрониён издивоҷ намояд, ақди онҳо дар ҳузури ду шоҳид аз аҳли китоб дуруст мегардад, зеро барои дуруст гардидани ақди никоҳ бо занони аҳли китоб мусулмон будани шоҳидон шарт нест.[1]

13. Ақди никоҳи духтару писари болиғ, яъне марду зане, ки дар ҳузури ду шоҳид, пас аз пурсида шудани зан, ки нафси худ ё хештанро ба фалонӣ додӣ ва пас аз пурсида шудани мард, ки пазируфтӣ, бигӯянд: «*Дод ва пазируфт*» бе мим ҳикояти нафс,[2] бо ин гуфта саҳеҳ ва мунъақид мегардад, бар хилофи гуфтаи онҳо дар ҳузури ду шоҳид: «*Мо зану шӯем*», ки ақд дар ин сурат баста намегардад.[3] Зеро ин гуфтаи онҳо иқрор аст ва бо он ақд мунъақид намегардад, зеро иқрор ба иншо – иҷоб ва қабул далолат намекунад. Аммо соҳиби Рад ба нақл аз Қозихон овардааст: (Дар) ҷавоб (-и ин масъала) тафсил мебояд: Агар онҳо ба ақди гузашта иқрор намоянд, дар ҳоле ки миёнашон ақде набуда, он (дар ҳузури шоҳидон) низ никоҳ ба шумор намеравад. Аммо агар онҳо иқрор намоянд, ки зану шӯянд, яъне мард иқрор кунад, ки шӯи вай аст ва зан иқрор кунад, ки зани ӯст, он никоҳ аст ва иқрори онҳо иншоро шомил мебошад.

---

[1] Манзур аз аҳли Китоб дар истилоҳи шаръ ҳамон яҳудиён ва насрониён ҳастанд. Зеро ба сӯи онҳо пеш аз даврони рисолати ислом китобҳое аз ҷониби Худованд фиристода шудааст.

[2] «Мим»-и ҳикояти нафс пасвандест, ки дар охири феълҳо меояд ва худи сухангӯро баён мекунад. Ибораи матн ба ин маъност, ки вақте зан пурсида шавад: Нафси худ ё хештанро ба фалонӣ додӣ!? Вай дар ҷавоб гӯяд: Дод, ба ҷои додам ва мард низ пас аз пурсидан гӯяд: Пазируфт, ба ҷои пазируфтам, ақди никоҳ саҳеҳ ва бо он мунъақид мегардад.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 84; Мухтасарулвиқоя маъа шарҳиҳи Ихтисорурривоя. – Ҷ. 1. – С. 344.

Соҳиби Дур овардааст: Вақте марду зане дар ҳузури ду шоҳид гуфтанд: «*Мо зану шӯем*» ва шоҳидон гуфтанд: Инро никоҳ гардонидед ва онҳо гуфтанд: Оре, никоҳашон саҳеҳ ва он бо истифода аз калимаи гардонидан (ҷаъл) иншо мешавад. Дар Захира овардааст: Марде нисбат ба зане даъвои никоҳ кунад ва зан онро инкор намояд, он гоҳ мард бо сад (дирҳам ё чизи дигаре) ба вай созиш ва мусолаҳа намояд, то ба ин даъво иқрор намояд. Агар зан иқрор намояд, чун он бо иваз (маблағ) ҳамроҳ аст, ба манзалаи иншои никоҳ ба шумор меравад. Пас мол лозим ва агар дар ҳузури ду шоҳид бошад, ақд саҳеҳ мегардад. Рофеъӣ дар тақрироти худ овардааст: Агар ба никоҳи худ дар ҳузури шоҳидон иқрор намоянд ва бигӯянд: «*Мо якдигарро никоҳ кардаем*», дар ҳоле ки қаблан бе шоҳид ақд баста бошанд, саҳеҳтар он аст, ки агар маҳрро муайян кунанд, он никоҳи нав ба шумор омада, ақд баста мегардад.[1]

ҲУҚУҚ ВА МАСЪУЛИЯТҲОИ ДУҶОНИБАИ ЗАНУ ШАВҲАР

Хонавода рукни асосии ҷомеа мебошад, агар он ислоҳ шавад, тамоми ҷомеа ислоҳ мешавад. Бинобар ин, ислом таваҷҷуҳи зиёде ба хонавода додааст ва бар зану мард масъулиятҳои дуҷониба ва вазифаҳои умумиеро воҷиб гардонидааст, ки риояи онҳо саодату хушбахтӣ ва муҳити солими хонаводаро таъмин менамояд.

Ислом хонаводаро муассисаи хурде медонад, ки аз ду нафар (марду зан) бино ёфтааст ва мард масъулияти сарпарастӣ, пешбурд ва ҳифозати онро бар уҳда дорад. Қуръони карим мефармояд:

اَلرِّجَالُ قَوَّٰمُونَ عَلَى ٱلنِّسَآءِ بِمَا فَضَّلَ ٱللَّهُ
بَعْضَهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ وَبِمَآ أَنفَقُوا۟ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْ
فَٱلصَّٰلِحَٰتُ قَٰنِتَٰتٌ حَٰفِظَٰتٌ لِّلْغَيْبِ بِمَا حَفِظَ ٱللَّهُ

«Мардон бар занон сарпарастанд (ва дар ҷомеаи кӯчаки хонавода ҳаққи раҳбарӣ доранд ва ҳифзу нигаҳбонии занон ба уҳдаи онҳост), ба он хотир, ки Худованд (барои ҳифзи низоми ҷомеа ва танзими хонавода, мардонро дар баъзе сифатҳо бар занон бартариҳое бахшидааст) ва баъзеро бар баъзе фазилат додааст. Ҳамчунин барои он ки (маъмулан мардҳо ранҷ мекашанд) ва аз моли худ (барои хонавода) харҷ менамоянд. Пас занони солеҳа онҳое ҳастанд, ки фармонбардори (амрҳои Худо ва мутеъи гуфтаҳои шавҳарони худ) буда, ҳифзкунандаи асрори (заношавҳарӣ) мебошанд, зеро Худованд ба ҳифзи он (асрор) дастур додааст».[2]

МАСЪУЛИЯТҲОИ ШАВҲАР

Аз нигоҳи ислом зан ҳуқуқи зиёде бар шавҳари худ дорад. Ояти зерин асоси ҳуқуқии занонро дар ҳаёти оилавӣ ташкил медиҳад:

وَلَهُنَّ مِثْلُ ٱلَّذِى عَلَيْهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ

«(Занон) ба монанди масъулиятҳо ва ҳуқуқҳое, ки бар онон аст, ба таври шоиста ҳуқуқе ҳам ба (уҳдаи мардон) доранд».[3]

БАХШЕ АЗ ҲУҚУҚҲОИ ЗАНОН БАР ШАВҲАРОНАШОН

1. Таъмини хӯроку пӯшок ва ҷои хобашон ба сурати шоиста ва муносиб ба ҳоли ҳар дуяшон.

2. Анҷоми робитаҳои ҳамсарӣ дар ҳадди маъмул.

3. Риояи ҳуқуқ ва баробарӣ дар байни онҳо, агар аз як зан зиёд дошта бошад.

4. Барои мард хуб аст, ки ба ҳамсараш иҷозат диҳад, то ба иёдати хешовандони бемораш равад, дар ҷанозаи онҳо иштирок намояд ва дигар бастагони худро хабар гирад. Албатта, вақте бар хилофи масолеҳи шаръии мард набошанд.

МАСЪУЛИЯТҲОИ ЗАН

Мардон ҳам бар занони худ ҳуқуқҳое доранд. Худованд дар ояти зикршуда мефармояд: **«Занон ба монанди масъулиятҳое, ки (дар баробари шавҳарони худ) доранд, онҳо низ бар мардон ҳуқуқҳои шоистае доранд».**

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 84–85; Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 184–185.

[2] Сураи Нисо, 4: 34.

[3] Сураи Бақара, 2: 228.

БАХШЕ АЗ ҲУҚУҚҲОИ МАРД БАР ҲАМСАРАШ

1. Зан бояд дар тамоми корҳо аз шавҳараш итоат намояд, албатта, корҳое, ки дар онҳо гуноҳ ва нофармонии Худованд набошад ва корҳое, ки аз тобу тавонаш берун набошанд.

2. Зан бояд мол, хона, номус ва ҳайсияти шавҳарашро ҳифз намояд ва бе ризоят ва огоҳии ӯ аз хона хориҷ нашавад.

3. Зан дар сурати зарурат ва дархости шавҳар ҳамроҳи вай ба сафар биравад.

4. Зан бояд ба хостаҳои фитрӣ ва ниёзҳои машрӯъи шавҳар посухи мусбат диҳад.

5. Вақте шавҳар дар хона ҳузур дошта бошад ва мусофир набошад, зан бе иҷозати вай наметавонад рӯзаи нафлӣ бигирад.[1]

6. Фарзандонашро ба хубӣ тарбият намояд ва дар ҳузури шавҳараш аз фарзандонаш нороҳат ва ғазабонӣ нашавад. Онҳоро дашном надиҳад ва дар ҳаққашон дуои бад накунад, зеро ин корҳо боиси нохушӣ ва ранҷиши шавҳараш мешаванд.

7. Бо падару модар ва хешону наздикони шавҳараш хуш бархӯрд намояд, зеро зане, ки бо падару модар ва наздикони шаҳараш бадӣ ва муомилаи бечо менамояд, дар ҳақиқат, ба шавҳараш бадӣ кардааст.

КАЛИМАҲОЕ, КИ АҚДИ НИКОҲ БО ГУФТАНИ ОНҲО БАСТА МЕГАРДАД

Никоҳ бо лафзҳои: а) никоҳ, б) тазвиҷ, в) бахшиш, г) тамлик (ба мулки касе даровардан) ва д) садақа таҳаққуқ ва эътибори айнӣ (қонунӣ) пайдо мекунад. Мисли ин, ки вакили зан бигӯяд: *«Зайнабро ба никоҳ ё издивоҷи ту додам»* ва ё *«Ӯро ба ту бахшидам»* ва ё «Туро молики вай гардонидам» ва ё **«***Ӯро ба ту садақа кардам»* ва ҷониби мард ё вакили вай бигӯяд: *«Қабул кардам».*

Агар касе бигӯяд: Фалон зан ё духтарро ба ту фурӯхтам ва мард гуфт: *қабул кардам,* никоҳ саҳеҳ мешавад, зеро аз он ҷо, ки фурӯхтани шахси озод дуруст нест, калимаи «фурӯхтан» маҷозан (ба таври ғайри сареҳ) никоҳро ифода мекунад.

Никоҳ бо калимаҳои «иҷора» ё «орият», мисли ин, ки шахсе бигӯяд: *«Духтари худро ба иҷора ё ба орият ба ту додам»* ва ҷониби мард ҳам бигӯяд: «Қабул кардам», саҳеҳ намегардад.

Яъне барои баста шудани ақди никоҳ ва қарордоди заношавҳарӣ истилоҳот ва ибораҳои махсусе аз ҷониби шаръ ниҳода шудааст, ки ба ғайри онҳо ақд баста намегардад.

[1] Инҳо бахши андаке аз ҳуқуқҳо ва масъулиятҳои дуҷонибаи зану шавҳар бар якдигар мебошанд. Зикри ҳамаи онҳо ба тафсил ҷои дигар ва навиштаи ҷудогонае мехоҳад.


Фасли севвум

ҲУКМИ СИҒА Ё НИКОҲИ МУВАҚҚАТ

Никоҳи муваққат он аст, ки дар ақди никоҳ қайд намоянд, ки фалон занро барои чанд моҳе ё чанд рӯзе ва ё чанд соате ба никоҳи ту додам. Ин навъ никоҳро сиға ва никоҳи мутъа меноманд. *Сиға ё никоҳи муваққат аз дидгоҳи ислом бар асоси мактаби аҳли суннат ва ҷамоат ботил ва нодуруст мебошад.*

Ёдовар мешавем, ки дар ҷараёни ташаккули мавҷудият ва шаклгирии пайкари уммати ислом анъанаҳо, расму ойини зиндагӣ ва муқаррароти иҷтимоии даврони ҷоҳилият марҳала ба марҳала дигаргун ва бекор карда шудаанд. Никоҳи мутъа ва издивоҷи муваққат низ, ки яке аз навъҳои никоҳҳои роиҷи замони ҷоҳилият буд,[1] то давраи ҷанги Хайбар идома дошт ва дар ин давра паёмбари Худо (с) ду чиз: яке ҳамон никоҳи муваққат ва дигаре гӯшти хари хонагиро ҳаром гардонид. Аз Алӣ (рз) ривоят шудааст, ки *«Паёмбар (с) аз мутъаи занон ва аз гӯшти харони хонагӣ дар замони ҷанги Хайбар наҳӣ намуд».*[2]

Қуръони карим низ дар ин бора мефармояд:



«Ва он муъминоне, ки фарҷҳо (шармгоҳҳо)-и худро ҳифзкунандаанд, магар бар ҳамсарон ва милки яминашон. Пас онҳо (дар ин сурат) ғайри маломатшудагонанд. (Дигар) ҳар касе (барои баровардани шаҳавоти худ) берун аз ин роҳе биҷӯяд, онҳо ба яқин, таҷовузкоронанд».[3]

Аз Ибни Аббос (рз) низ ривоят шудааст, ки *«Никоҳи мутъа дар ибтидои ислом ҷоиз буд…, то он ки ин ояти сураи Муъминун нозил шуд. Пас ҳар гуна никоҳ (ва лаззатҷӯиҳои ҷинсӣ) ба ғайри ин роҳи машрӯъ (бар асоси ин оят) ҳаром гардидааст».* [4]

Гузашта аз ин, никоҳи мутъа танҳо барои одамоне, ки дар ҷангҳо ширкат дошта ва муддате аз аҳли худ дур мемонданд, иҷозат шуда ва ба ҳолатҳои изтирорӣ бастагӣ дошт, на ҳама вақт ва барои одамони муқим. Дар Саҳеҳи Муслим аз Ибни Абуамра ривоят шудааст, ки мутъа дар ибтидои ислом, ба монанди худмурда, хун ва гӯшти хук барои касе, ки дар ҳолати изтирорӣ қарор гирад, ҷоиз буд. Пас аз он Худованд (пояҳои) динро пойдор намуд ва онро (ба таври доимӣ) мамнӯъ гардонд.[5]

ИЗДИВОҶ БО КОФИРОН

Ислом ба роҳ мондани ҳама гуна муносибатҳои тиҷоратӣ, додугирифтҳои иқтисодӣ ва барқарор сохтани равобити сиёсӣ ва дипломатиро бо ҳамаи тоифаҳо: ҳам кофирони аҳли Китоб ва ҳам мушрикон иҷозат додааст, вале барои фароҳам овардани заминаҳои ҳамгароии ҷаҳонӣ дар атрофи арзишҳои умумибашарии худ, тавсиаи маҷоли муносибатҳои гуногунҷанба бо дигар миллатҳои ҷаҳон ва бозкардани уфуқҳои тозае барои нашри арзишҳои илоҳии

[1] Соҳиби китоби «Зан дар андешаи исломӣ» никоҳи мутъа (сиға)-ро дар радифи шашуми навъҳои никоҳҳои даврони ҷоҳилият зикр намудааст (Ҷамол Муҳаммадфақии Расул, Зан дар андешаи исломӣ (тарҷимаи д. Маҳмуди Иброҳимӣ. – С. 44. – Теҳрон, 1383 ш. (2004)).

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 4216, 5115, 5523, 6961; Саҳеҳи Муслим, 3417 (1407)-29, 4981 (…)-30, 4982 (…)-32; Сунани Тирмизӣ, 1121, 1794; Сунани Насоӣ, 3365, 3366, 3367, 4345; Сунани Ибни Моҷа, 1961.

Баъзе ривоятҳо ҳаром гардидани онро пас аз фатҳи Макка ва ё дар ҷанги Автос мегӯянд. Шояд сабаби он чунин бошад, ки дар ҷанги Хайбар ҳукми он эълон гардида буд, вале баъзе одамон пас аз фатҳи Макка ва ё дар ҷанги Автос аз он огоҳ шуда бошанд ва ё ҳамон гуна ки Муслим ривоят мекунад, дар он даврае низ барои чанд рӯзе иҷозат ва пас аз он ба таври абадӣ ҳаром гардонида шуд.

[3] Сураи Муъминун, 23: 6-8.

[4] Сунани Тирмизӣ, 1122.

[5] Саҳеҳи Муслим, 3429 (1407)-22.

худ аҳли китобро аз дигарон муносибтар дониста, барпо намудани робитаи заношаваҳрӣ бо занони онҳо ва эҷоди фазои муносиби хонаводагӣ ва фарҳангӣ бо онҳо ва ҳамин тавр забоеҳи онҳоро барои мусулмонон бо назардошти шароити хоссе иҷозат додааст.

Худованд дар Қуръони карим ба ин нуктаи дақиқ ишора намуда, ба паёмбари акрам (с) амр менамояд, ки аҳли Китобро ба арзишҳои умумибашарӣ ва он муштаракоти диние, ки дар ҳамаи динҳои илоҳӣ яксон ҳастанд, даъват намояд, он ҷо ки мефармояд: **«Бигӯ: Эй аҳли Китоб! Ба сӯи калимае биоед, ки дар байни мо ва шумо баробар (ва муштарак) аст (ва он ин аст), ки ҷуз Худоро напарастем ва ба Ӯ чизеро ширк наоварем ва якдигарро ба ҷои Худо арбоб ва парвардигор нагирем…».**[1]

Ин оят аз як тараф, барномаи нашри арзишҳои илоҳиро дар байни мардуми аҳли Китоб барои мусулмонон мерезад ва дурнамои онҳоро барояшон муайян месозад ва аз сӯи дигар, ҳамон мавқеи хосси онҳоро аз назари ислом баён мекунад.

Дар ин замина чанд савол ва ё масъала дар ҳаёти шахси мусулмон матраҳ мегардад: а) масъалаи издивоҷ бо занони аҳли Китоб ва маҳдудаи ҷавози он, б) ҳалол будани забоеҳи онҳо барои мусулмонон, в) ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра бо онҳо, г) масъалаи муволот ва дӯстии қалбӣ бо онҳо.

Қаблан ёдовар мешавем, ки ислом ду масъалаи аввал: изидвоҷ бо занони аҳли Китоб ва забоеҳи онҳоро дар шароити махсусе барои мусулмонон иҷозат додааст. Масъалаи сеюм: ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ, сиёсӣ ва ғайра ба таври яксон бо ҳар ду тоифаи кофирон: аҳли Китоб ва мушрикон ҷоиз аст. Аммо дар масъалаи чаҳорум: ба роҳ мондани тарҳи дӯстӣ ва муволоти қалбӣ бо онҳо мавқеи қотее гирифта, онро ба таври қатъӣ барои мусулмонон манъ кардааст. Акнун, ин масоилро бо каме тафсил мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

Аз назари ислом кофирон ба ду гурӯҳ: аҳли Китоб ва ғайри аҳли Китоб ва ё бе китоб ҷудо мешаванд. Пайравони Тавроту Инҷил, яъне яҳудиён ва масеҳиён аҳли Китоб ба шумор рафта ва дигар мушрикон, мулҳидон ва пайравони динҳои ботил ва ғайриосмонӣ ғайри аҳли китоб дониста мешаванд.

Ислом ба хотири арҷ ниҳодан ба паёмоварони илоҳӣ ва асли китобҳои осмоние, ки барои яҳудиён ва масеҳиён аз ҷониби Худо фиристода шудаанд, асоси илоҳӣ доштани динҳои эшонро эътироф менамояд ва онҳоро ба унвони аҳли Китоб мепазирад. Зеро онҳо ба асли динҳои илоҳӣ ба гунае ошноӣ ва эътиқод доранд ва дар ин бора ба мусулмонон хеле наздик мебошанд, ҳарчанд динҳояшон комилан таҳриф (дастхӯрда ва дигаргун) гашта, ба ширку бутпарастие табдил ёфтаанд.

Яке аз пояҳои муҳимми эътиқодӣ дар ислом эҳтироми ҳуқуқи мансубиятҳои динӣ ва ҳамзистии мусолиматомез бо пайравони тамоми динҳо ва ҷараёнҳое мебошад, ки дар чорчӯбаи муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо мусулмонон ба сар мебаранд ва ба амнияти онҳо таҳдиде ба вуҷуд намеоваранд. Илова бар ин, ислом барои аҳли Китоб имтиёзҳои дигареро, ба монанди ҷоиз будани никоҳи занон ва ҳалол будани забоеҳ (гӯшти ҳайвоноти забҳкарда)-и онҳо барои мусулмонон, дар назар гирифтааст. Кофирони ғайри аҳли Китоб аз чунин имтиёзҳое маҳрум мебошанд. На никоҳ ва барқарор намудани муносибатҳои хонаводагӣ бо онҳо ҷоиз аст ва на забҳи онҳо барои мусулмонон ҳалол дониста мешавад. Зеро онҳо аз назари эътиқодӣ ва тарзи тафаккури зиндагӣ комилан аз мусулмонон фарқ доранд.

Муҳити хонавода ва робитаҳои заношавҳарӣ эҷоди муҳаббат, дӯстӣ, ҳамрангӣ дар зиндагӣ, таъсирпазирии мутақобил ва таъсиргузорӣ дар якдигарро тақозо менамояд ва бе фароҳам гардидани ин заминаҳои ботинӣ ҳадафи аслии ақди издивоҷ таҳаққуқ намеёбад. Вақте дар миёни зану шавҳар ва аҳли хонавода чунин ҳолатҳое бояд ҳатман вуҷуд дошта бошанд, пас ин ишқу алоқа ва дилбастагӣ ба дурнамои зиндагӣ ногузир дар ҳамдигар таъсир мегузорад ва ҷонибҳоро ба сӯи эътиқодоти ягдигар гароиши фикрӣ медиҳад.

Ислом бо дарназардошти ҳамин ҳолати таъсиргузорӣ ва тафовути асосӣ дар эътиқодот ва тарзи тафаккури мушрикон ва дигар кофирони ғайри аҳли китоб эҷоди равобити заношавҳарӣ ва ақди никоҳ бо онҳоро барои мусулмонон

[1] Сураи Оли Имрон, 3: 64.

мамнӯъ намудааст. Зеро дар натиҷаи барқарории равобити заношавҳарӣ ва ишқу алоқаи муҳити хонаводагӣ заминаҳои таъсиргузориҳои мутақобил фароҳам мегарданд. Қуръони карим мефармояд: **«Ва ҳаргиз Худованд барои кофирон бар (сари) муъминон роҳ (-и нуфуз ва султае) нагардонад».**[1]

Дар чунин фазое муъминонро ба сӯи ширку куфр кашида, дар дилашон тухми бадбинӣ ва нафрат нисбат ба эътиқодоти исломиро ба вуҷуд меоваранд. Ба ҳамин сурат одамро ба сӯи ҷаҳаннам ва оташи дӯзах мебаранд.

Манзури ислом, пеш аз ҳама, солим мондани эътиқодоти динӣ ва ҷавҳари шахсияти инсон мебошад ва дар ҳар ҷое, ки хавфи аз байн рафтани онҳо вуҷуд дошта бошад, инсонро қотеона аз он барҳазар доштааст. Бинобар ин, канизи муъмине дар ин бора аз озодазани мушрика беҳтар аст, ҳарчанд ҳусну зебоӣ, латофати ҷисмӣ ва ё ҷозибаҳои моддиаш шуморо мафтун намоянд. Ҳамчунин, занони муъминро ба никоҳи мардони мушрик дароварда намешавад. Дар ин бора ғуломи муъмине аз озодмарди мушрик беҳтар аст, ҳарчанд ҳусну зебоӣ, чусту чолокӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ё дигар хусусиятҳои вай шуморо ба ҳайрат оваранд. Онҳо охир одамро ба сӯи оташ мекашонанд ва Худованд бо ёрӣ ва иродаи худ ба сӯи биҳишт ва мағфират фаро мехонад. Яъне заминаҳои расидан ба биҳишт ва роҳҳои ба даст овардани мағфирати худро бо бунёди низоми ҳакимонаи қонунгузорӣ дар ихтиёри муъминони некӯкор мегузорад. Худованд дар ин бора мефармояд:

«Занони мушрикро ба никоҳ (-и худ) надароред, то он ки имон оваранд ва ҳатман канизи муъмине (дар ин бора) аз озодазани мушрика беҳтар аст, ҳарчанд (ҳусну зебоии) вай шуморо ба шигифт оварад. Ва занони муъминро ба никоҳи мушрикон дарнаоваред, то он ки имон оваранд ва ҳатман ғуломи муъмине аз озодмарди мушрик беҳтар аст, ҳарчанд вай шуморо ба шигифт оварад. Онҳо (охир) ба сӯи оташ фаро мехонанд ва Худо бо кӯмак ва иродаи худ ба сӯи биҳишт ва мағфират фаро мехонад ва оятҳои худро (бо ин равшанӣ) барои мардум баён менамояд, то онҳо панд бардоранд».[2]

Бинобар ин, издивоҷ бо кофирони маҷусӣ (оташпарастон), пайравони дигар динҳои (аз назари таълимоти ислом) ботил ва ғайриосмонӣ ва дар умум бо ҳар касе, ки ақида ва тафаккури санавият[3] ва ширку бутпарастӣ дорад, ба монанди буддоиҳо,[4] чиноиҳо,[5] ҳиндуҳо[6] ва ҳамчунин онҳое, ки Худоро сохтаи фикри инсон ва динро хурофот медонанд ва дар умум ҳар касе, ки Худо, таълимоти динҳои илоҳӣ ва паёмбаронро ба гунае инкор мекунад, ба

[1] Сураи Нисо, 4: 141.

[2] Сураи Бақара, 2: 221.

[3] Санавият дутопарастӣ, эътиқод ба ду Худо – Худои хайр ва Худои шарр, бовар ба ду мабдаи ҳастӣ – нур ва зулмат.

[4] Буддоӣ пайрави диёнати Буддо.

[5] Чиноӣ аҳли Чин. Дар ин ҷо манзур аз чиноӣ пайравони дин ва ё таълимоти конфутсиюсӣ (таълимоти динии роиҷ дар он кишвар), буддоӣ ва дигар динҳои маъмул ва роиҷ дар кишвари Чин аст, ки дар эътиқод ва амал ба анвои ширк ва бутпарастӣ омехтаанд ва аз дидгоҳи таълимоти ислом динҳои ботил ва ғайриилоҳӣ ба шумор мераванд.

[6] Манзур аз ҳиндуҳо дар ин ҷо онҳое мебошанд, ки аз кешҳои ҳиндусӣ, буддоӣ, ҷайноӣ (яке аз динҳои роиҷ дар Ҳинд, ки ба василаи шахсе бо номи Бардхаман (Вардхаман), ки ӯро Ҷино ё Ҷайно ва Маҳобири Сувомӣ низ номанд, поягузорӣ шудааст), сикхӣ ва анвои бутпарастӣ ва ҳайвонпарастии роиҷ дар кишвари Ҳинд ва берун аз он пайравӣ мекунанд (Брокгауз Ф. А., Ефрон И. А. Энциклопедический словарь. Современная версия. – М.: Издво Эксмо, 2004; Советский энциклопедический словарь. – М.: «Советская Энциклопедия», 1980; Britannica Настольная энциклопедия. – М.: ООО «Издательство Астрель», 2009; Муҳаммад Зиёурраҳмон ал-Аъзамӣ, Фусулун фӣ адёни-л-Ҳинд: ал-Ҳиндусия ва-л-бузия ва-л-ҷайния ва-с-сихия ва илоқату-т-тасаввуфи биҳо. – ал-Мадинату-л-мунаввара: Дору-л-Бухорӣ, 1416 ҳ.).

мисли атеистон[1] коммунистон,[2] ва даҳриён,[3]

[1] Атеист – бедин, бехудо, даҳрӣ, пайрави атеизм, муътақид ба гуфтаҳо ва андешаҳои атеистӣ, касе, ки ҳастии Худо ва таълимоти динҳои осмониро инкор мекунад.

[2] Коммунист дар луғат ба маънои узви партияи коммунистӣ ва коммунизм тибқи таълимоти марксистӣ, сохти ҷамъиятӣ-иқтисодие аст, ки ҷойгузиншавандаи сохти ка-питализм буда, пас аз тай намудани марҳалаи аввали худ – сотсиализм авҷи ташаккул ва рушди ҷамъиятро ташкил медиҳад. Ба андешаи К. Маркс ва Ф. Энгелс, он дараҷае аз рушди ҷамъият аст, ки дар он одамӣ давраи бегонагардӣ аз меҳнат (дастмояи талошҳо), тааллуқот (-и шахсӣ), ҳокимият ва фарҳанги худро пушти сар мегузорад ва бо шароити пешрафти озодонаи инсонӣ таъмин мегардад. Коммунизм бар пояи андешаҳои назарӣ ва тактикаҳои кории К. Маркс, Ф. Энгелс ва Ленин бино ёфтааст.

Коммунизм номи умумии таълимоти гуногуне аст, ки андешаи ҷамъиятикунонии мо-ликияти хусусӣ дар домани он ба вуҷуд омадааст. (Советский энциклопедический сло-варь. – М.: «Советская Энциклопедия», 1980; Словарь русского языка/Ан СССР, Под ред. А. П. Евгеньевой. 2-е изд. – М.: «Русский язык», 1983; Современный словарь иностранных слов. Зав. редакцией Е. А. Гришина. – М.: «Русский язык», 1992; Словарь иностраных слов и выражений/Авт. – сост. Е. С. Зенович. – М.: ООО «Издателство АСТ»: Олимп, 2000).

Мурод аз коммунист дар ин ҷо касе аст, ки ба андешаҳои атеистӣ ва таълимоти бединии идеологияи ленинизм-марксизм бовар ва эътиқод дорад, на узв ва пайрави ҳизби хоссе.

[3] Даҳрия (ар.:دهرية/الدهرية мансуб ба даҳр – замони бепоён, рӯзгори дароз, замони бекарон ва ҳамеша, ки бад-он азал ба абад пайвандад) қоилон ба қидмат – азалияти даҳр; гурӯҳе аз кофирон, ки ба қидмати даҳр эътиқод дошта ва ҳаводиро ба таври куллӣ ба он нисбат медоданд; ҷамоае аз фалосифа дар миёни мусулмонон, ки ақоиди моддӣ ва мазҳаби табиӣ доштанд ва ғолибан бо номи зиндиқ ва мулҳид шинохта мешуданд. Номи ин ҷамоа аз калимаи даҳр ба маънои замони бепоён бархоста, онҳо ба азалият ва абадияти даҳр муътақид буданд ва бо тамассук ба ин ақида асли хилқат (офариниш) ва Худои таъоло – офаридгори даҳр ва табиатро инкор мекарданд ва ба ҳашру нашр ва маод бовар надоштанд. Даҳрӣ (ҷамъи он даҳрийун – даҳриён) ба касе итлоқ мегардад, ки аз ақоиди даҳрия пайравӣ мекунад.

Қуръони карим якҷо дар сураи Ҷосия ба ақоиди ин даста аз кофирони даҳрӣ ишора кардааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва гуфтанд, ки набошад ҷуз ҳаёти дунёамон, ки (дар он) мемирем ва зиндагӣ мекунем ва ҳалок намесозад моро, магар (ҳамин) даҳр ...»** (Ҷосия, 45:24). Ба ақидаи онҳо пас аз ҳаёти ин дунё ҳаёт ва дунёи дигаре вуҷуд надорад, зиндагӣ бо марг ба поён мерасад ва он чи сабаби марги инсон мешавад, ҳамин даҳр аст. Ин андеша дар бораи ҳаёт ва даҳр онҳоро ба инкори динҳо ва ойинҳои осмонӣ ва алоқа ба ишратпарастӣ ва лаззатҷӯиҳои бебаркаши моддӣ кашонидааст. Ин оят дар номгузории соҳибони андешаҳое, ки пеш аз ислом ба даҳрия ва даҳриён машҳур буда ва ҳам он даста аз фалосифа ва ҳукамое, ки дар даврани ислом тамоюли фалсафии моддӣ ва ақоиде шабеҳи он кофирони даҳрӣ доштаанд, нақши муҳимме доштааст.

Истилоҳи даҳрия дар ибтидо бар мулҳидон ва касоне итлоқ мешуд, ки вуҷуди офаридгори олам, ҳаёти пас аз марг ва ҳашру маодро инкор мекарданд, вале ба тадриҷ дар баҳсҳои каломӣ, мабоҳиси фалсафӣ ва дар рӯёрӯӣ бо ҷаҳонбинии фалсафии юнонӣ маънои васеътаре пайдо кард ва бар мисдоқҳои гуногуне аз мункирони усули дин ва қоилон ба қидами даҳр ва азалияти ҷаҳон ба кор рафта ва дар ин вуҷуҳи маъноӣ бо вожаи зандақа қобили муқоиса ва ҳаммаъно гардидааст.

Дар «Расоили Ихвонуссафо» онҳо даҳрияи азалия (Ҷ. 3. – С. 455) номида шудаанд, яъне касоне, ки ба қидами даҳр ва азалияти олам муътақид ва иллати фоилӣ дар онро мункир буданд. Ба ин маъно даҳрия касонеанд, ки ҷаҳони кунуниро сирфан тадовуми фароянди мустамир ва мукарраре медонанд, ки оғозе надорад ва ҳеҷ кадом аз аҷзои ҷаҳонро – ҷавҳар ва араз дорои ибтидои замонӣ намебинанд. Бағдодӣ дар «Усулу-д-дин» (С. 75, 78) соҳибони чунин ақидаеро «азалияту-д-даҳрия» ва «ад-даҳрияту-л-азалия» номида ва дар «ал-Фарқу байна-л-фирақ» (С. 103) баён карда, ки даҳрия ба кумун (нуҳуфтагӣ ва маҳфӣ будан)-и аъроз дар аҷсом муътақид ва ҳудуси аърозро мункир буданд ва ин ақида навъе куфр ва илҳод аст. Насафӣ дар «Табсирату-л-адилла» (Ҷ. 1. – С. 78) аз муътақидон ба ақоиди мазкур – онҳо, ки оламро дар тинат ва сунъ ҳар ду қадим ва азалӣ медонанд, бо номи «лам язалия» ном бурдааст. Аз ин дидгоҳ ҷаҳон ҳамвора ва аз азал бо ҳамин замину ҳаво ва осмону ситорагоне, ки дорад, вуҷуд дошта ва ба таври куллӣ чизе дар он падид намеояд (ҳодис намешавад), магар тавассути чизи дигаре мисли худаш, ки пеш аз вай будааст. Мас., ба таври мукаррар ва мустамир ҳар одаме аз нутфа ва ҳар нутфае аз одаме ба вуҷуд меояд (Боқилонӣ. – С. 76; Бағдодӣ. Усулу-д-дин. – С. 319–340).

Шаҳристонӣ дар «Ниҳояту-л-иқдом» (С. 29 – 30, 123, 126) ақоид ва шубҳаҳои даҳрияро дар бораи истимрори пайваста ё адами таноҳии ҳаракот ва радди ҳудуси олам ва ба табаи он назарияи таътили офариниш бозгӯ карда, ки бар асоси он, ҷаҳон дар азал ба сурати аҷзои парокандае бо ҳаракати номуназзам (ва берабт) вуҷуд дошта ва аз бархӯрди тасодуфии ин аҷзои саргардон дар фазо ҷаҳон ба сурати кунуниаш падид омадааст. Тибқи назарияи навафлотуниён, чун ҷаҳон аз Худои қадими ламязал содир шуда (ба вуҷуд омада)-аст, бинобар ин, худи ҷаҳон ҳам қадим ва азалӣ аст, зеро маълул наметавонад аз иллаташ ҷудо бошад (Мотуридӣ. ат-Тавҳид. - С. 26; Ибни Ҳазм. ал-Фаслу фи-л-милали ва-л-аҳвои ва-н-ниҳал. – Ҷ. 1. – С. 71; Насафӣ. Табсирату-л-адилла. – Ҷ. – С. 58).

Ақидаи даҳрия ва андешаи моддигароӣ дар миёни ҷавомеи башарӣ ва фалосифаи милали мухталиф аз дергоҳи таърих ба шаклҳое вуҷуд ва аҳли адёни пеш аз ислом низ ба ақоиди эшон бархӯрди манфӣ дошта, дар радди онҳо осоре навиштаанд. Аз ҷумла мутакаллими яҳудӣ Саъиди Файюмӣ дар радди он китобе навишта, му-

такаллими зардуштӣ ва муаллифи китоби паҳлавӣ «Шиканд гумоник вичор» (Гузориши гумоншикан), Мартон Фаррухи Урмазддотон фасле аз онро ба радди ақоиди даҳрия тахсис додааст. Ба навиштаи вай даҳрӣ ба касе итлоқ мешавад, ки мункири Худост ва аз ранҷу таклифи анҷоми корҳои нек гурезон аст, суханони беҳуда ва бемаъно бисёр мегӯяд, аз ҷумла ин, ки асли кайҳон (ҷаҳон) бо ҳамаи гардишу ороиш, ҷирмҳову абзорҳои гуногун ва таркибҳову тазодҳои онҳо бо якдигар замони бекарон аст, ҳеҷ подоше барои амалҳои нек ва ҳеҷ иқобе барои гуноҳон ва ҳеҷ биҳишту дӯзахе вуҷуд надорад, ҳамаи ашё моддӣ ва ҷисмонианд ва ҷаҳони рӯҳоние вуҷуд надорад. Дар китоби «Динкард» даҳрӣ ба касе гуфта шуда, ки Худо ва омӯзаҳои диниро инкор мекунад. Ин китоби динии паҳлавӣ пас аз зуҳури ислом таълиф шудааст, аз ин рӯ, ба ақидаи Христенсен дар давраи нигориши ин матнҳо ойини Маздаясно дубора эҳё шуда буд ва мақсуди муаллиф аз даҳрӣ яке аз фирқаҳои қарни севвум буда, ки дар ҷанбаи моддии ақоиди Зарвония (Зурвония) ифрот мекардааст (Донишномаи ҷаҳони ислом. (18).

Макотиби каломӣ ва мутакаллимони мусулмон низ дар тӯли таърихи наздик ба якунимҳазорсолаи тамаддуни ислом мубориза ва посух ба андешаҳои ононро вичҳаи назари худ қарор додаанд. Ғаззолӣ дар рисолаи «ал-Мунқизу мина-з-залол» (С. 96) даҳрияро тоифаи мутақаддиме (аз фалосифа) дар канори ду тоифаи табииён ва илоҳиён ба шумор овардааст, ки сонеи донову тавоно ва мудаббирро мункир буда ва мепиндоштаанд, ки ҷаҳон худ ба худ ва бидуни сонеъ барпост ва дар он ҳамвора раванди мустамир ва фароянди мукаррараҳукмфармост, мас., ҳамеша ҳайвон аз нутфа ва нутфа аз ҳайвон ба вуҷуд омадааст ва то абад ва бениҳоят чунин хоҳад буд ва бино ба фармудаи ӯ, ин тоифа ҳаминҳоянд зиндиқон. Вай дар «Таҳофуту-л-фалосифа» зимни баҳси муфассал дар ибтоли назарияи қидмат – азалияти ҷаҳон яке аз масоили бистгонаи китобро ба исботи мулозама миёни дидгоҳи фалосифаи қоил ба ақоиди даҳрӣ ва андешаи нафйи сонеъ ихтисос додааст (С. 72, 182–183).

Фалосифаи мусулмон бар акси мутакаллимон бештар перомуни моҳияти ақоиди даҳрия изҳори андеша намуда, ба баёни илали гароиш ба он ва тавзеҳи ангезаҳо ва авомили пайдоиши он пардохтаанд. Ҷомеътарин таъриф дар заминаи ақоиди даҳрия ҳамон фармудаи Қуръон дар ояти 24-уми сураи Ҷосия аст. Таърифҳои мутакаллимон ва фалосифаи исломӣ аз тафосил ва муҳтавои ақоиди онҳо, бо он ки дар порае аз ҷузъиёт бо ҳам тафовут доранд, вале ҳама бар меҳвари ифодоти он оят мечарханд.

Лафзи даҳрия ва даҳриён дар ҷаҳони ислом бори дигар вақте шоеъ гардид, ки дар асри 13 ҳ./18 м. ва пас аз он улуми табиӣ ҳамроҳ бо сели ақоиди дарвинизм ва мазҳаби асолати модда аз Аврупо ба кишварҳои исломӣ сарозер шуданд ва зери таъсири таҳаввулоти азими саноатии кишварҳои ғарбӣ уламо ва таҳсилкардагоне аз макотиби фалсафии он ҷо мутаассир ва гароиши моддӣ пайдо карданд. Таъкиди зиёди ин гурӯҳи таҳсилкарда рӯи вожаи табиат ва қавонини табиӣ боис шуд, ки ба монанди издивоҷ бо мушрикон, ҳаром ва шаръан мамнӯъ мебошад, на зани мусулмон метавонад ба никоҳи онҳо дарояд ва на марди мусулмон метавонад аз онҳо зан гирад.

Худованд дар бораи дуруст будани никоҳи занони аҳли Китоб барои марди мусулмон ва шарту шароити он дар зимни ояти 5-уми сураи Моида мефармояд.: **«Имрӯз барои шумо покиҳо ҳалол гардонида шудаанд ва таом (забоеҳ)-и онҳое, ки ба эшон китоб дода шудааст, барои шумо ҳалол ва таъоми шумо барои онҳо ҳалол мебошад ва (ҳамчунин) занони покдоман аз занҳои муъмина ва занони покдоман аз онҳое, ки пеш аз шумо ба онҳо китоб дода шудааст, (бароятон ҳалол мебошанд), вақте маҳри онҳоро бидиҳед, дар ҳоле, ки (ин корро) покдоманона анҷом диҳед, на бо (роҳи) тардоманӣ ва дӯст (маъшуқа)-гирона…».**[1]

лимаҳои найчер, найчерӣ, найчериён ва найчерия ба маънои натурализм сари забонҳо афтанд. Ин ҷо буд, ки Саййид Ҷамолуддини Афғонӣ соли 1298 ҳ./1894 м. дар радди ақоиди даҳрия рисолае бо номи «Рисолаи найчерия» ё «Рад бар найчерия» (ба форсӣ) таълиф намуд, ки соли 1303 ҳ./1899 м. ба василаи Муҳаммад Абду бо номи «Рисолатун фӣ ибтоли мазҳаби-д-даҳриййин ва баёни мафосидиҳим ва исботи анна-д-дина асосу-л-мадинати ва-л-куфра фасоду-л-умрон» ба арабӣ тарҷима ва дар Бейрут ба чоп расид ва айни ҳамин тарҷима соли 1312 ҳ./1908 м. бо номи «ар-Радду ала-д-даҳрийййин» дар Қоҳира ба чоп расид. Вай дар оғози рисола навиштааст: Тариқаи найчерия ҳамон тариқаи даҳрия аст. Бинобар ин, тамоми раддияҳои ӯ бар найчерия радде бар даҳрия низ ба шумор мераванд. Пас аз муддате бо фаъол гардидани марксистон калимаи материализм (таълимоти фалсафӣ ва идеологии нозир бар асолати модда; моддагароӣ) ба ҷои натурализм сари забонҳо афтод ва то ҷое аз равнақи он кост.

Гарчи имрӯз дар ҷаҳон гурӯҳ ё ҷамоаи хоссе бо номи даҳрия вуҷуд надорад, вале андешаи даҳрия, эътиқод ба асолат ва абадияти модда ва нигоҳе даҳрӣ ба ҷаҳони ҳастӣ бо шаклҳои нав ва дар қолаби мактабҳои фалсафӣ ва идеологияҳои модернтаре, чун мактаби натурализм (мазҳаби табиатгароӣ ё найчерия) дар Аврупо, материализми диалектикӣ (даҳрияи ҷадалӣ ё моддигароии истидлолӣ ва эҳтиҷоҷӣ) ва ғ. ҳамчунон идома дорад.

Суханҳои Эзад набошад газоф,

Раҳи даҳриён дур бификан, малоф! (Асадӣ, ба нақл аз Луғатномаи Деххудо)

[1] Дар ин оят ҳам ҳайвоноти забҳкардаи аҳли Китоб ва ҳам занони покдомани онҳо барои муъминон ҳалол гардонида шудаанд, вале чӣ тавре мушоҳида менамоем, барои ин кор чор шарт низ зикр гардидааст: а) Он занҳо покдоман бошанд. б) Маҳрашон дода шавад, яъне

Лозим ба ёдоварист, ки никоҳи занони аҳли Китоб барои мардони мусулмон ҷоиз аст, вале никоҳи зани мусулмон бо мардони аҳли Китоб қатъиян манъ аст.[1] Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«…На он (занони муъмин)-ҳо барои кофирон ҳалол ҳастанд ва на кофирон барои онҳо ҳалол мебошанд».[2]**

Чуноне гуфта шуд, ислом никоҳи занони аҳли Китобро барои мусулмонон бо шароити хосе иҷозат додааст, вале агар никоҳи онҳо ба манофеи ҷомеаи исломӣ дар тазод қарор гирад ва ё аз ҷиҳати демографӣ ба зарари мусулмонон тамом шавад, дар он сурат никоҳи онҳо макрӯҳ аст ва ҳокими шаръ метавонад аз он монеъ шавад.

Абубакри Ҷассос дар тафсири худ овардааст, ки Ҳузайфа ибни Ямон – яке аз бузургони саҳоба – ба зани яҳудие (дар шаҳри Мадоин) издивоҷ намуд. Халифаи мусулмонон, Умар (рз) ба вай навишт: Ӯро раҳо кун! Ҳузайфа дар зимни номае аз вай пурсид: Оё вай ҳаром аст? Умар (рз) дар ҷавобаш навишт: Не, валокин бим дорам, ки бо занони бадкораи онҳо наздикӣ намоед![3]

Дар китоби «ал-Осор»-и имом Муҳаммад (рҳ) дар ин бора омадааст: Ҳузайфа дар шаҳри Мадоин бо зани яҳудие издивоҷ намуд. Умар (рз) ба вай навишт: Ӯро раҳо кун! (Ҳузайфа) дар номае аз вай пурсид: Эй амиралмуъминин! Оё вай (бар ман) ҳаром аст? Умар (рз) боз ба вай навишт: Ман ба таври қатъӣ ба ту амр мекунам, пеш аз он ки номаи маро ба замин бигузорӣ, ӯро раҳо кун! Зеро бим дорам, ки дигар мусулмонон (дар ин кор) аз ту пайравӣ намоянд ва занони аҳли Китобро аз ҷиҳати зебоӣ баргузинанд ва дар натиҷа онҳо сабаби гирифторӣ ва бешавҳар мондани занони мусулмон гарданд.[4]

БАЪЗЕ МАСОИЛИ БОБИ НИКОҲ

1. Никоҳ кардани занҳои аҳли Китоб, ба монанди яҳудиён ва насрониён, ба шарте ки ба китоби осмонии худ пойбанд бошанд, ҷоиз аст, вале барои шахсияти мусулмон аз ин гуна зангириҳо худдорӣ намудан беҳтар аст.

2. Издивоҷ бо занони ситорапараст, оташпараст ва ғайра агар ба дине эътиқодманд буда, ба яке аз китобҳои осмонӣ эътироф намоянд, ҷоиз аст, вале агар танҳо ситорапараст ва ё оташпараст буда, ба китобе имон надошта бошанд, ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз нест.

Издивоҷ бо заноне, ки на мусулмон ҳастанд ва на аҳли Китоб, яъне на яҳудӣ ва насронӣ, балки ба ҳеҷ дини осмоние эътиқод надоранд, қатъан ҳаром ва мамнӯъ мебошад.

Ҳатто аксари аҳли Китоб (яҳудиён ва насрониён) аз ҳайси миллӣ ва нажодӣ яҳудӣ ва насронӣ мебошанд ва аз нигоҳи динӣ даҳрӣ ҳастанд. Агар пас аз таҳқиқ зане аз аҳли Китоб пайдо шавад, ки даҳрӣ ва ё бедин набошад, никоҳи вай дуруст аст, аммо чуноне гуфта шуд, бо вай низ никоҳ накардан беҳтар аст.

НИКОҲИ ФУЗУЛӢ

Ба никоҳи якдигар даровардани марду зане бе иҷозат ва огоҳии онҳо ***никоҳи фузулӣ*** гуфта мешавад. Никоҳи фузулӣ се қисм аст: Ё танҳо аз тарафи зан мешавад, яъне дар ғиёби зан вайро ба никоҳи касе дармеоваранд, дар сурате ки ӯ худ бехабар аст. Ё танҳо аз тарафи мард мешавад, яъне дар ғиёби вай касеро бо ӯ ақд мебанданд ва ё аз ҳар ду тараф, яъне марду занеро, дар сурате ки худи онҳо хабар надоранд, ба ҳам ақд мебанданд.

Ин навъ никоҳ ба ризояти ҷониби ғоиб пас аз огоҳ гардиданаш мавқуф (вобаста) аст. Дар сурате ки пас аз огоҳ шудан ба он розӣ гардиданд ва ба ҳукми он тан дардоданд, никоҳ дуруст ва агар не, никоҳ ботил мегардад. Яъне марду зан агар пас аз шунидани хабари ақдашон гуфтанд розӣ ҳастем, он ақд ҷанбаи шаръӣ пайдо мекунад ва дуруст мегардад, вале агар гуфтанд, ки *розӣ нестем*, ботил (бекор) мегардад.

Шахсе ба дигаре дастур дод, ки духтари

ақди никоҳ ба таври дуруст ва шаръӣ сурат гирад. в) Он бо мақсади ҳифзи покдоманӣ ва иффати худ ва он зан анҷом гирад. г) Мақсади тардоманӣ (зинокорӣ) ва дӯст (маъшуқа)-бозӣ дар он вуҷуд надошта бошад.

[1] Ин мавзӯъ ба таври пурра аз Тафсири «Навини Қуръони карим», таълифи муаллиф, тафсири ояти 221-уми сураи «Бақара» иқтибос шудааст.

[2] Сураи Мумтаҳана, 60: 10.

[3] Абубакр Аҳмад ибни Алӣ маъруф ба Ҷассоси Ҳанафӣ, Тафсири Аҳкомулқуръон. – Ҷ. 2. – С. 459. – Бейрут. Минбаъд: Аҳкоми Қуръони Ҷассос.

[4] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 160, ба нақл аз китоби ал-Осори имом Муҳаммад (рҳ).

хурдсолашро бо номи Омина барои Маҷид ақд намояд ва он шахс дар ҳузури падар ва як шоҳиди дигар никоҳро ба мавриди иҷро гузошт, ақд дуруст мешавад, зеро падар дар сурати ҳузури шахсии худ, дар ҳақиқат, ба унвони никоҳдиҳанда ва сарпарасти духтар ва вакил ба унвони шоҳид ҳисоб мегарданд, ки бо ҳамин ду шоҳид низ такмил меёбад.

АҚДИ НИКОҲ БА ВОСИТАИ КИТОБАТ, ВАКОЛАТ ВА РИСОЛАТ[1]

Масъалаи никоҳ ба василаи китобат – нома, фиристода (расул) ва вакил (намояндаи ваколатдор) дар фиқҳи исломӣ, ба хусус фиқҳи ҳанафӣ, ба таври шоёне мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин се сурати масъала дар ҷузъиёт каме аз якдигар фарқ доранд. Ибни Ҳумом дар Фатҳ[2] мегӯяд: Ақди никоҳ бо китоб – нома ба монанди хитоб – калом баста мешавад.[3]

1. Сурати масъалаи нома ин аст, ки мард дар номае аз зан хостгорӣ ба амал оварад. Вақте нома ба зан расид, онро дар ҳузури ду шоҳид бихонад ва бигӯяд: Худро ба никоҳи ӯ даровардам ва ё бигӯяд: Фалонӣ ба ман номае навишта, маро барои худ хостгорӣ намудааст ва шумо шоҳид бошед, ки худро ба никоҳи ӯ даровардам.

Агар муҳтавои мактубро барои шоҳидон нахонда, бигӯяд: Худро ба никоҳи фалонӣ даровардам ва ё зан ҳам дар ҷавоби нома бинависад: Худро ба никоҳи ту даровардам, он дуруст намегардад. Зеро шунидани шоҳидон каломи ҳар ду тарафро шарти сиҳати никоҳ аст. Дар сурати аввал шоҳидон каломи мардро, ки дар нома дарҷ гардида ва дар сурати дуюм каломи ҳар дуро нашунидаанд.

Ин дар сурате аст, ки мард аз маҳфили ақд ғоиб бошад. Аммо агар ҳар ду ҷониб – марду зан – дар маҳфили акди никоҳ ҳозир бошанд ва мард дар вараке бинависад: Туро ба никоҳи худ даровардам ва зан ҳам бинависад ва ё бигӯяд: Қабул кардам, никоҳ дуруст намегардад. Зеро дар он яке аз шартҳои сиҳҳати акди никоҳ – шунидани шоҳидон лафзи иҷоб ва қабулро аз онҳо таҳаққуқ наёфтааст. Дар ин ҷо дар сурати китобати ҳар ду иҷоб ва қабул ба таври комил ва дар сурати китобати мард ва қабули лафзии зан нисфи ақд аз сӯи шоҳидон шунида нашудааст.

Фарқи китоб – нома аз хитоб – калом дар он аст, ки иттиҳоди маҷлис дар ҳар ду шарт аст, вале он дар шакли хитоб ба як маҷлис маҳдуд мегардад ва дар китоб ба як маҷлис маҳдуд намебошад. Бинобар ин, агар зан тану нафси худро бахшид ва мард дар он маҷлис чизе нагуфт ва пас аз он дар маҷлиси дигар гуфт: Қабул кадрам, никоҳ дуруст намешавад. Зеро иҷоб ва қабул, яъне баста шудани ақд дар як маҷлис сурат нагирифтааст. Аммо китоб ба як маҷлис маҳдуд намебошад, балки қироати он дар маҷлиси дигар ба манзалаи хитоби нав аст ва агар зан қабул кунад, ақд саҳеҳ мегардад.

2. Никоҳ ба тариқи ваколат низ ҷоиз аст. Сурати он чунин аст, ки мард шахсеро аз ҷониби худ вакил менамояд, ки фалон занро ба никоҳи вай даровард. Вакил он занро ваколатан ба никоҳи вакилкунанда медарорад. Дар мазҳаби ҳанафӣ зан низ метавонад шахсеро аз ҷониби худ барои бахшидани тану нафсаш вакил созад.

Ваколати шахс ё мутлақ мешавад ва ё муқайяд ва маҳдуд. Агар мард шахсеро ба таври мутлақ аз ҷониби худ барои никоҳи зане ваколатдор намояд, салоҳиятҳои зиёде ба вай вогузор мегардад, вале аз назари Имомайн набояд дар тасарруфоти худ аз эътиборот ва меъёрҳои маъмул дар урф берун гардад.

Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ваколати мутлақ дар боби никоҳ, ҷуз дар мавридҳое, ки мазанна (мавриди бадгумони)-и суиистифода аз сӯи вакил дар онҳо вуҷуд дорад, бар асоси қоидаи «Мутлақ бар итлоқи худ ҷорӣ дошта мешавад» ба чизе муқайяд ва маҳдуд намегардад. Аммо дар ҷое, ки мазаннаи суи истифода аз сӯи вакил вуҷуд дошта бошад, тасарруфоти вай ба иҷозати муваккил мавқуф мебошанд. Бар ҳамин асос, дар бораи корбурди салоҳиятҳо дар ваколати мутлақ дар баъзе мавридҳо дар байни имом Абуҳанифа (рҳ) ва Имомайн

[1] Манзур аз рисолат дар ин ҷо фиристодани пайғом ба воситаи расул ва қосиде аст, ки ваколати маҳдуд – танҳо ҳаққи расонидани пайғомро дорад.

[2] Фақеҳон аксаран дар навиштаҳои худ номи Фатҳро ба таври мутлақ зикр менамоянд ва манзури онҳо китоби Фатҳулқадир – шарҳи Ҳидояи шариф, таълифи Камолуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳиди Сивосӣ маъруф ба Ибни Ҳумоми Ҳанафӣ аст.

[3] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 189.

тафовути назар вуҷуд дорад.

Дар навъи ваколати муқайяд шахси вакил бояд аз маҳдудиятҳое, ки ваколатдиҳанда барояш муайян намудааст, берун набарояд. Агар корро дар доираи салоҳиятҳои маҳдуди ваколаташ ва ё берун аз он, вале ба нафъи муваккил анҷом дод, ақд бар муваккил нофиз мегардад. Аммо агар берун аз ҳудуди ваколаташ ба зарари муваккил дар коре тасарруф намуд, он ба иҷозати вакилкунанда мавқуф аст, агар иҷозат диҳад, нофиз мешавад ва агар онро рад намояд, ғайри мақбул аст.

Намунаи ваколати муқайяд дар боби никоҳ он аст, ки шахсеро барои бастани ақди никоҳ ба зани муайяне ё аз хонаводаи махсусе ва ё бо сифатҳои ва нишондодҳои мушаххасе вакил намояд. Ваколати мутлақ аз зикри ин чизҳо ва чунин қайдҳое холӣ аст.

3. Расул (фиристода) бошад, танҳо ҳомили пайғоми мард аст ва ҷуз расонидани каломи вай дигар ҳеҷ гуна ваколате надорад. Вақте пайғоми мардро ба зан расонд, вазифаи вай тамом мешавад. Агар зан дар ҳамон маҷлис онро қабул кунад ва шоҳидон каломи онҳоро бишунаванд, ақд саҳеҳ мешавад, вале агар дар он маҷлис чизе нагуфт ва шахси фиристода дар маҷлиси дигар онро такрор кард ва зан қабул намуд, никоҳ дуруст намегарадад, зеро вазифа ва ё ваколати расул дар ҳамон навбати аввал ба поён расида буд.[1]

БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲ АЗ ТАРИҚИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚА – ТЕЛЕФОН, БАРҚИЯ, ФАКС, ИНТЕРНЕТ ВА ҒАЙРА

Шоёни зикр аст, ки башарият дар асри гузашта ба дастовардҳои азиме дар соҳаҳои гуногуни илмӣ даст ёфта, зиндагиро бо имконоти пешрафтаи техникӣ ва шароити рафоҳияти моддӣ таъмин намудааст. Аз ҷумла, дар заминаи алоқа ва васоили иттисолот имкони муколама ва гуфтугӯи мустақимро аз дуртарин нуқтаҳои олам барои худ муяссар сохтааст. Ин таҳаввули сареи илмӣ ва техникӣ ҳаёти инсонро аз паҳлӯҳои гуногун, ба хусус аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ зери таъсир ва пӯшиши иттилоотӣ қарор дода, маҷоли бастани ҳар гуна қарордодро аз роҳи дур фароҳам овардааст, ки ҳаёти шахсӣ, хонаводагӣ ва иҷтимоии мусулмонон низ аз ҳавзаи он берун намондааст.

Саволе, ки дар ин ҷо матраҳ мешавад, ин аст, ки оё дар ин аср бастани ақди никоҳ ва дигар қарордодҳои шаръӣ аз тариқи воситаҳои нави алоқа – барқия, факс, телефон, интернет ва ғайра – ба монанди ирсоли нома, ваколат ва ғайра, ки дар фиқҳи исломӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, дуруст мешавад ё не?

Аз он ҷо ки ин масъала ба тозагӣ вориди ҳавзаи фиқҳи исломӣ гардидааст, ҳанӯз ба таври дақиқ мавриди арзёбӣ қарор нагирифта ва ба тартиби мавзӯъбандиҳои масоили фиқҳӣ дар сохтори аҳкоми динӣ қолабрезӣ нашудааст. Аз ин рӯ, донишмандон ва маҷомеи фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом ба он бархурди эҳтиётомезе намудаанд.

Ба ҳар ҳол, чизе ки метавон онро дар ин боб ба масоили китобат – нома мулҳақ сохт, бастани ақди никоҳ аз тариқи барқия ва факс аст. Аз тариқи онҳо имкони пешрафтатаре барои ирсоли нома ва мукотиба аз роҳи дур муяссар гардидааст. Вале дар онҳо ду чиз бояд ба эътибор гирифта шавад: Яке ҳамон шарти нома, ки пас аз расидан ба зан бояд дар ҳузури шоҳидон хонда шавад ва онҳо каломи ҳар ду ҷониби ақдро бишунаванд. Ва дигаре таҳқиқ ва ташхиси нусхаи он, то нисбат ба аслӣ будани он итминон ҳосил шавад ва аз тақаллуб ва сохтакорӣ эмин монад.

Шоёни зикр аст, ки васоили алоқа дар маҷмӯъ ба се қисм тақсим мешаванд: а) хаттӣ, б) савтӣ, в) савтӣ ва суратӣ.

а) Аз тариқи баъзе васоили алоқа, ба монанди барқия ва факс тамоси хаттӣ ва алоқа аз роҳи мукотиба ҳосил мешавад ва он шакли пешрафтатари ирсоли нома ба шумор меравад.

б) Аз тариқи телефон танҳо тамоси савтӣ сурат мегирад ва дар он ҷонибҳо садои якдигарро мешунаванд.

в) Аз тариқи интернет бошад, имрӯзҳо бо истифода аз камераҳо ва дигар дастгоҳҳои эфирӣ тамоси савтӣ ва суратӣ ҳар ду сурат мегиранд ва ҷонибҳо метавонанд якдигарро бубинанд.

[1] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 189–190; Радду-л-мухтор. – Ҷ. 4. – С. 83-87.

Дар тамоси савтӣ эҳтимоли тақаллуб ва сохтакорӣ бештар вуҷуд дорад. Зеро дар он тақлид (имитация)-и садо ва пахши ҳар гуна гузоришҳои ғайривоқеӣ ва садоҳои қалбакӣ имкон дорад.

Аз тариқи интернет бошад, имкони шунидан ва дидани савту сурати ҷонибҳо ва ҳамин тавр шоҳидон вуҷуд дорад, вале бо ин вуҷуд Маҷмаи фиқҳи исломӣ тобеи Созмони Конфронси исломӣ ва Кумитаи доимӣ барои ифто дар мамлакати Саъудӣ аз иҷозати фатво барои ҷавози он худдорӣ кардаанд.

Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти даврааи чаҳоруми худ, ки ба таърихи 17-23 моҳи шаъбони соли 1410ҳ. мутобиқ ба 14-20 марти соли 1990 м. дар шаҳри Ҷадда баргузор гардид, пас аз мутолиаи матолиби пешниҳодшуда ба Маҷмаъ дар бораи бастани қарордодҳо ба воситаи дастгоҳҳои нави алоқа дар бораи ақди никоҳ қарори зеринро ба тасвиб расонд:

г) Қоидаҳои мазкур (сиҳҳати қарордодҳо ба воситаи дастгоҳҳои нави алоқа) ақди никоҳро шомил намегарданд, зеро дар он гузаронидани шоҳид шарт аст.[1]

Дар фатвои Кумитаи доимӣ барои ифто омадааст:

Савол: вақте рукнҳо ва шартҳои никоҳ фароҳам гарданд, …оё бастани ақди никоҳ ба воситаи телефон ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб: Бо назардошти фиребкорӣ ва найрангбозӣ ва тақлиди садо, ки дар ин рӯзгор бисёр шудаанд ва бо таваҷҷуҳ ба эътинои шариати ислом ба ҳифзи фарҷҳо ва номусҳо Кумита зарур медонад, ки дар бастани ақди никоҳ ва додани ваколат дар он ба муколамаҳои телефонӣ эътимод карда нашавад.[2]

Аммо баъзе муфтиҳои кишвари Саъудӣ дар ҷавоби ин савол: Духтарамро ба никоҳи фалонӣ даровардам, вай гуфт: Қабул кардам, духтар розӣ аст ва шоҳидон суханони моро аз тариқи баландгӯи телефон мешунаванд, оё ин ақди никоҳ шаръан эътибор дорад (ва дуруст аст)? Фармуд: Агар он чи гуфта шуд, саҳеҳ бошад (ва дар он бозӣ ва сохтакорие вуҷуд надошта бошад), пас дар он мақсади шартҳои никоҳи шаръӣ ҳосил шудаанд ва ақд саҳеҳ аст.[3]

Пас дар чунин ҳолат, яъне дар вақте ки аз як сӯ, масъала ҳанӯз ба таври пурра дар қолаби мавзӯъбандиҳои фиқҳӣ надаромадааст ва аз сӯи дигар, эҳтимоли тақлиди садо, тақаллуб ва пахши гузоришҳои нодуруст аз сӯи дигар одамон дар ин васоил, ба хусус дар телефон ва интернет, вуҷуд дорад, агар ба амал баровардани ақди никоҳ аз роҳҳои дигар, ба монанди ваколат, имкон дошта бошад, он авлотар аст.

Бастани ақди никоҳ ба василаи паёмак [SMS] ва ё почтаи электронӣ ҳукми мактуб – номаро дорад, ба шарте дар он эҳтиётоти зарурӣ, ба он тартибе ки дар боло дар робита бо воситаҳои нави алоқа зикр гардидаанд, малҳуз дошта шаванд. Зеро ин васоил вазифаи ирсоли сареи номаҳо ва паёмҳоро бо амвоҷи эфирӣ анҷом медиҳанд.

Дар бораи талоқ ҳарчанд он шартҳое, ки барои дуруст гардидани никоҳ зарур буданд, дар назар гирифта нашудаанд, вале агар аз роҳҳои нави алоқа сурат гирад, бояд мавзӯъ ҳатман таҳқиқ ва пайгирӣ шавад, то дар он низ тақаллуб ва сохтакорие роҳ наёфта бошад.

Фаъолияти шабакаи интернет ва сомонаҳое, ки ба шиносоии муштариён – мардону занон бо якдигар сари кор доранд, аз ду ҳолат холӣ нест: 1. Ба унвони шиносоӣ бо якдигар ба нашри аксҳои бараҳна ва нимабараҳнаи занон ва пахши манзараҳои шаҳватангезе аз пайкари онҳо ва аз ин тариқ ба тарвиҷи бебандубории ахлоқи ҷинсӣ ва фисқу фуҷур мепардозанд, ки пахши ин саҳнаҳо аз диди меъёрҳои ахлоқӣ ва дар фарҳанги иффати шаръӣ комилан мамнӯъ ва ҳаром аст. Ин амр муҳимтарин самти фаъолияти сомонаҳои шиносоӣ ва чатҳоро дар шабакаи интернетро ташкил медиҳад. 2. Дар роҳи нашри фазоил ва мусоидати муштариёни корафтода барои ёфтани ҷуфти муносиб ва бинои хонаводаи хушбахт талош меварзанд, ки **«Ва қалилун мо ҳум».**[4]

Шинос шудани марду зан бо якдигар аз тариқи сомонаҳои навъи аввал ва пахши акс ва порае аз мувосафоти худ барои марду зан

[1] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ тобеи Созмони Конфронси исломӣ, қарори № 52 (6/3). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[2] Мавқеъ – ислом: савол ва ҷавоб. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[3] Ҳамон сарчашма.

[4] Ишора ба бахше аз ояти 24 сураи Сод (38) аст, ки ба маънои: **«Ва чунин одамоне бисёр кам ҳастанд»** мебошад.

ҳар ду аз назари шаръ қатъиян мамнӯъ ва ҳаром аст. Аз тариқи сомонаҳои навъи дуюм ҳам пахши акс ва порае аз мувосафоти пайкари худ дуруст нест. Танҳо чизе, ки тибқи меъёрҳои шаръ дар ин ҷо дуруст ба назар мерасад, он аст, ки сурогаи худ ба он дода шавад ва шиносоӣ пас аз он дар олами воқеъ ва дар чорчӯбаи тадобири пешбининамуда ва тавсияҳои амалии шаръ сурат гирад. Гузашта аз ин, шиносоӣ аз тариқи шабакаи интернет ва чатҳо ғолибан аз тазвир ва баёни зоҳири ҳол холӣ нест ва аксари муштариён дар он ҷуз мувосафоти неки худро пахш намекунанд, ки аз он наметавон ба айни воқеият ва ҳақиқати ҳол пай бурд.[1]

Шиносоӣ аз тариқи интернет гарчанде сареъ ва ба осонӣ сурат гирад ҳам, вале ҳадафи аслӣ аз ин тавсияи шаръ – шиносоӣ ва дидани якдигар пеш аз тарҳи хостгорӣ, ки дарёфти тавсифномаи дақиқ аз ахлоқу диёнати зан ва наҷобати хонаводагии вай ва ҳамин тавр шинохти кафоат ва ҳамшаънии мард бо ӯст, ба хубӣ ҳосил намешавад, балки умдатан акси он сурат мегирад.

Дар боби никоҳ ва талоқ зикри ду нуктаи дигар зарур ба назар мерасад:

а) Никоҳ пас баста шудан бар асоси муқаррароти шаръ хуб, балки зарур аст, ки дар назди мақомоти дахлдори давлатӣ доир ба асноди шахсӣ ва корҳои шаҳрвандӣ – дар идораи сабту қайди асноди шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шавад. Зеро он дар таҳкими бинои хонавода ва расмият бахшидан ба равобити заношавҳарӣ дорои аҳаммияти хосе аст ва аз сӯи дигар, барои исботи насаби фарзандон, муайян сохтани синну сол, мансубияти миллӣ, шаҷара ва ҳамин тавр идомаи таҳсилот ва касбу кори онҳо дар оянда нақши ҳаётан муҳим дорад.

б) Дар бораи ҳаллу фасли масоили талоқ, баррасии сабабҳои фурӯпошии хонаводаҳо ва таҳқиқи бухронҳои оилавӣ хуб аст ба до нишмандони масоили динӣ ва мутахассисони аҳкомшинос муроҷиат шавад, вале беҳтар, балки зарур аст, ки доир ба ин кор ниҳоди салоҳиятдори давлатие таъсис дода шавад ва бо бакоргирии шахсиятҳои бодиёнат ва коршиносони воқеӣ ба сурати расмӣ ба ин масоил расидагӣ шавад.

Зеро ташкили хонаводаи солим, пешгирӣ аз фурӯпошии оилаҳо ба сабабҳои ночиз, ҳифзи насаби фарзандон, ҳаллу фасли бохирадонаи масоили талоқ ва ҳифозат аз номус ва каромати инсонии мардум аз муҳимтарин мақсадҳои шариат ба шумор мераванд. Аз сӯи дигар, таҳкими бинои хонавода, таъмини шароити рушди нерӯҳои зеҳнӣ ва зарфиятҳои инсонӣ дар насли ҷавон ва ҳифзи генофонди миллӣ асоси стратегияи рушди арзишҳои миллӣ ва дар сархатти барномаҳои фарҳангӣ маърифатии кишвар қарор доранд. Барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди арзишҳои миллӣ, ҳифзи сармояи инсонӣ дар кишвар ва ба вуҷуд овардани наслҳои шоиста ин кор ба иқдоми амалӣ ва дастгириҳое дар сатҳи давлат ниёз дорад.

Зеро бухронҳои хонаводагӣ ва баррасии масоили оилавӣ, ба хусус дар замиинаи талоқ ва ҷудоӣ, ба ҷавобҳои назариявӣ ва ба дур аз ҳавзаи фиқҳи татбиқӣ ҳалли комили худро пайдо намекунанд. Балки расидагӣ ба ин умур ба як силсила коргузориҳо ва имконот ниёз дорад, ки онҳоро мухтасаран зикр менамоем: а) салоҳияти иҷроӣ ва дар сатҳи давлатӣ, б) маркази санадгузорӣ ва қайди ҳаводис ва воқеот – фатвоҳо: пурсишҳо ва посухҳо, в) таҳқиқот ва бархӯрди амалӣ бо рӯйдодҳо – омӯзиши мавзӯъ ва саволи пешниҳодшуда, таҳқиқи амалии он, ҷамъи шавоҳид дар бораи он ва ғайра, г) таъсиси шабакаи корӣ ва ҷалби кадрҳои мутахассис, д) имконоти молӣ.

[1] Ба ҳар сурат масъала хеле печида аст ва ҷузъиёти он шарҳу тафсили бештаре талаб мекунад.

Фасли чаҳорум

МАҲРАМҲО
(ЗАНҲОЕ, КИ НИКОҲИ ОНҲО ҲАРОМ АСТ)

Маҳрамҳо се қисм мешаванд:

1) ***Маҳрамҳои насабӣ*** ва онҳо хешовандоне мебошанд, ки ақди никоҳ бо онҳо барои ҳамеша ва абадан ҳаром аст. *Ва эшон иборатанд аз:* 1 – модар; 2 – модари модар (бибӣ) ва модари падар то чанд насле (пуште) боло раванд; 3 – духтар; 4 – духтари духтар ва духтари писар то чанд насле (пуште) поён раванд; 5 – хоҳар; 6 – духтари хоҳар ва духтари бародар то чанд насле (пуште) поён раван; 7 – амма; 8 – хола.

Маҳрамҳои насабӣ ва абадӣ дар маҷмӯъ ҳафт навъ мебошад, ки бо китоби Худо маҳрамият ва ҳурмати никоҳи онҳо собит шудааст. Худованд мефармояд:

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَٰتُكُمْ وَبَنَاتُكُمْ وَأَخَوَٰتُكُمْ
وَعَمَّٰتُكُمْ وَخَٰلَٰتُكُمْ وَبَنَاتُ ٱلْأَخِ وَبَنَاتُ ٱلْأُخْتِ

«Бар шумо модарон, духтарон, хоҳарон, аммаҳо, холаҳо, духтарони бародар ва духтарони хоҳаратон ҳаром гардонида шудааст».[1]

2) ***Маҳрамҳои сабабӣ*** ва онҳо хешовандоне мебошанд, ки ба сабаби издивоҷи шахс барои вай маҳрами абадӣ гардидаанд ва ё ба сабаби издивоҷи падар ва ё писараш барои вай маҳрами абадӣ гардидаанд. Ин силсилаи маҳрамҳо низ ҳамеша барои ӯ ҳаром мебошанд. Ба инҳо маҳрамҳои бо мусоҳарат (домодӣ) низ мегӯянд, яъне маҳрамҳое, ки аз тариқи домод шудан барояш ба вуҷуд омадаанд. *Ва онҳо иборатанд аз:* 1 – модари зан (хушдоман), ба маҳзи ин, ки занеро ба ақди худ даровард, модараш барои вай ҳароми абадӣ мегардад, хоҳ бо он зан ҳамбистарӣ карда бошад, ё не; 2 – духтари зан дар сурате ки бо модараш ҳамбистарӣ карда бошад, вале агар модарашро пас аз ақд ва пеш аз он ки бо вай ҳамбистарӣ кунад, талоқ дод, метавонад бо вай издивоҷ намояд; 3 – зани падар (моиндар) ва зани падаркалон то чанд насле (пуште) боло раванд; 4 – зани писар (келин) ва занони писарони писар.

Ин чор навъи маҳрамҳои сабабӣ низ бо китоби Худо собит шуда, маҳрамияти онҳо абадӣ мебошад. Худованд мефармояд:

وَلَا تَنكِحُوا۟ مَا نَكَحَ ءَابَآؤُكُم مِّنَ ٱلنِّسَآءِ إِلَّا
مَا قَدْ سَلَفَ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةً وَمَقْتًا وَسَآءَ سَبِيلًا

«Ва он занонеро, ки падаронатон никоҳ кардаанд, ба никоҳи худ дарнаёваред, магар он чи (то ин замон) гузашт. Ин дар ҳақиқат, фоҳиша ва роҳи баде аст».[2] Ҳамчунин мефармояд:

وَأُمَّهَٰتُ نِسَآئِكُمْ وَرَبَٰٓئِبُكُمُ ٱلَّٰتِى فِى حُجُورِكُم
مِّن نِّسَآئِكُمُ ٱلَّٰتِى دَخَلْتُم بِهِنَّ فَإِن لَّمْ تَكُونُوا۟
دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ وَحَلَٰٓئِلُ أَبْنَآئِكُمُ
ٱلَّذِينَ مِنْ أَصْلَٰبِكُمْ

«Ва модарони ҳамсаронатон ва он пешдухтаронатон, ки дар канори шумо аз он занонатон мебошанд, ки бо онҳо ҳамбистар шудаед, вале агар бо онҳо ҳамбистар нашуда бошед, (никоҳи духтаронашон пас аз ҷудоӣ аз онҳо) бар шумо гуноҳе надорад ва занони писаронатон, ки аз пушти худатон мебошанд, бар шумо ҳаром гардонида шудаанд».[3]

Эзоҳ: Мамнӯияте, ки дар мавриди бародару хоҳар собит шудааст, барои се навъи бародарию хоҳарӣ, яъне бародарону хоҳарони аъёнӣ, аллотӣ ва ахёфӣ яксон аст. Манзур аз баро-

[1] Сураи Нисо, 4: 23.

[2] Сураи Нисо, 4: 22.

[3] Сураи Нисо, 4: 23.

дарону хоҳарони аъёнӣ он аст, ки ҳама аз як падару модар бошанд ва аз ъаллотӣ он аст, ки аз як падар ва ду модар (модарҷудо) бошанд ва аз ахёфӣ он аст, ки аз як модару ду падар (падарҷудо) бошанд.

а) *Маҳрамҳои сабабие,* ки никоҳ бо онҳо муваққатан ҳаром ва манъ аст. Инҳо хоҳар, хола ва аммаи ҳамсараш мебошанд. Яъне, то замоне ки ин ҳамсараш дар никоҳи ӯст, онҳо бар вай ҳаром мебошанд.

б) *Маҳрамҳои сабабие,* ки аз тариқи зино барои шахси зинокор пайдо шудаанд. Инҳо низ барои ӯ маҳрамҳои абадӣ гардида, барои ҳамеша никоҳаш бо онҳо ҳаром мебошад. Яъне агар шахсе бо зани бегонае зино кунад, усул ва фурӯъи он зан ба ҳамон тартибе, ки дар маҳрамҳои сабабии абадӣ зикр шудааст, барои вай маҳрам мегарданд. Мусоҳарат (домодӣ) ҳамон тавре ки бо никоҳи шаръӣ собит мешавад, бо зино низ собит мешавад.

Мусоҳарат ва маҳрамияти сабабӣ чӣ тавре ки аз зино собит мешавад, аз бӯсидан, даст расонидан ва ба фарҷи зани бегонае нигоҳ кардан, агар он амалҳо бо шаҳват бошанд, низ собит мешавад. Агар зане ҳам бо шавҳат ба марде даст расонад ва ё бо якдигар бӯсу канор намоянд, маҳрамият миёни онҳо собит мешавад.

Дар ин се ҳолат (бӯсидан, даст расонидан ва ба фарҷаш нигоҳ кардан) ҳурмати мусоҳарат (аз тариқи домодӣ) то вақте собит мешавад, ки омил ва ангезаи ба зино расонанда боқӣ бошад, яъне мард инзол нашуда бошад. Вақте мард инзол шавад, дигар он омил бартараф мешавад ва бо ҳамин ҳурмати мусоҳарат собит намешавад.

Ин амр, албатта, ба маънои он нест, ки он занҳо барои марди зинокор маҳрам гардидаанд ва вай бе монеъи шаръие бо онҳо шину хез ва ҳар кучое, ки бихоҳад, бо онҳо сафар менамояд. Балки ба маънои он аст, ки дигар наметавонад бо ҳеҷ кадоми онҳо ақди никоҳ бандад ва робитаи машрӯъи заношавҳарӣ барқарор созад.

3) *Маҳрамҳои разоӣ* ва онҳо хешовандоне мебошанд, ки аз тариқи ширхорагӣ барои инсон маҳрами абадӣ гардидаанд ва ақди никоҳ бо онҳо ҳамеша ва то абад ҳаром аст. *Ва онҳо иборатанд аз:* 1 – модари разоӣ (зане, ки ба ӯ шир додааст), 2 – хоҳари разоӣ (духтаре, ки ҳар ду аз пистони як зан шир хӯрдаанд).

Ҳурмати никоҳи маҳрамҳои разоӣ низ бо китоби Худо собит шудааст. Худованд мефармояд:

وَأُمَّهَٰتُكُمُ ٱلَّٰتِيٓ أَرۡضَعۡنَكُمۡ وَأَخَوَٰتُكُم مِّنَ ٱلرَّضَٰعَةِ

«Ва он модаронатон ки ба шумо шир додаанд ва хоҳаронатон аз разоат (низ) бар шумо ҳаром гардонида шудаанд».[1]

Илова бар ин мавридҳо, никоҳи занони шавҳардор ва ҷамъ намудани байни ду апаву хоҳар дар як вақт бо китоби Худо ҳаром гардонида шудааст. Худованд мефармояд:

وَأَن تَجۡمَعُواْ بَيۡنَ ٱلۡأُخۡتَيۡنِ إِلَّا مَا قَدۡ سَلَفَۗ

إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورٗا رَّحِيمٗا

«Ва ин, ки байни ду хоҳар (дар як вақт) ҷамъ намоед, магар он (чи то ин замон) гузашт. Худо, бешак, омурзандаи меҳрубон аст».[2] Ҳамчунин мефармояд:

وَٱلۡمُحۡصَنَٰتُ مِنَ ٱلنِّسَآءِ

«Ва занони шавҳардор, …».[3]

Ба ғайр аз мавридҳое, ки зикр гардид, издивоҷ бо занони дигар шаръан ҷоиз мебошад. Қуръони карим мефармояд:

وَأُحِلَّ لَكُم مَّا وَرَآءَ ذَٰلِكُمۡ

«Ва (заноне) пас аз инҳо барои шумо ҳалол гардонида шудаанд».[4]

– Бинобар ин, шахсе наметавонад ду хоҳарро дар як замон ба никоҳи худ даровард.

– Шахсе ду хоҳарро дар ду ақд ба никоҳи худ даровард, вале мушаххас карда нашуд, ки кадом яке аз онҳо аввал ақд шудаанд, ин никоҳ барои ҳеҷ кадоми онҳо ҷоиз нест. Бояд аз он мард ҷудо шаванд ва ҳар ду нисфи як маҳрро аз мард бигиранд.

– Шахсе наметавонад ду занро дар сурате ки агар яке аз он (ду зан)-ро мард фарз кунем, наметавонанд ба ақди ҳамдигар дароянд (никоҳи онҳо бо якдигар мамнӯъ аст), мас., зан ва аммаш ё зан ва холааш ё зан ва духтари бародараш

[1] Сураи Нисо, 4: 23.
[2] Сураи Нисо, 4: 23.
[3] Сураи Нисо, 4: 24.
[4] Сураи Нисо, 4: 24.

ва ё зан ва духтари хоҳарашро дар як замон болои ҳам ба никоҳ ҷамъ намоянд.

Ривоят шудааст, ки расули Худо (с): *«аз никоҳ кардани зан бар болои аммааш ё амма бар болои духтари бародараш ё зан бар болои холааш ва ё хола бар болои духтари хоҳараш наҳӣ намудааст».*[1]

– Шахсе бо зане зино кунад, модар ва духтари он зан барояш ҳароми абадӣ мегарданд, яъне наметавонад ба онҳо ақди никоҳ бандад.

– Шахсе бо шаҳват ба зане даст расонад ва шаҳвати он зан низ ба ҷунбиш дарояд, модар ва духтари он зан барояш ҳароми абадӣ мегарданд.

– Шахсе бо нигоҳи шаҳватолуд ба дохили фарҷ (аврати ниҳон)-и зане назар афканад, модар ва духтари он зан барояш ҳароми абадӣ мегарданд.

Андарзи муҳим:

Ҷавони мусулмонро зарур аст, ки аз боби эҳтиёт модарарӯси (хушдоман) худро бар аспу хар ё дучарха ё ҳар василаи нақлияе, ки баданҳо бо ҳам расиш ва молиш мехӯранд, дар пушти худ савор нанамояд ё дасти худро ба ногоҳ ба тани вай нарасонад, зеро иттифоқ дар ҳолати нохудогоҳ эҳсоси лаззат барояш рӯй диҳад ва шаҳваташ ба ҷунбиш дарояд, ҳамсари ҳалолияш барои он мард ҳаром мегардад.

– Агар шахсе ҳамсари худро талоқи боин ё раҷъӣ намояд ва ё ҳамсараш даргузарад, пеш аз гузаштани иддаи (муддати интизорӣ) талоқ ё вафот наметавонад хоҳари ҳамсари қаблияшро ба никоҳи худ дароварад.[2]

– Никоҳи занҳои дигаре аз хешовандони ҳамсараш, ки ҷамъи миёни онҳо бо ҳамсараш ҷоиз набуд, ба монанди холаву аммааш низ ҳамин ҳукмро дорад.

– Никоҳи занони оташпараст ва кофир (бедин) ҷоиз нест.

– Дар шариат расми писархондагӣ ва фарзандхондагӣ эътибори қонунӣ надорад. Агар зане писареро барои худ ба писархондагӣ пазируфта бошад ҳам, он писар метавонад аз назари шаръӣ бо ҳамон зан ақди никоҳ бандад.

– Дар никоҳи худ ҷамъ намудан миёни духтари аммаву хола ва духтари тағову амак ҷоиз аст.

– Занҳое, ки аз ҷиҳати насабӣ никоҳашон барои шахсе ҷоиз набошад, аз рӯи разоӣ (ширхорагӣ) ҳам никоҳашон ҷоиз нест.

– Ҳамон гунае, ки ҷамъ миёни ду хоҳари насабӣ ҷоиз намебошад, миёни ду хоҳари разоӣ ҳам ҷоиз нест.

– Гирифтан (никоҳ)-и зани талоқшуда ё шавҳармурда пеш аз гузаштани иддаи талоқ ва вафот ҷоиз нест.

– Як мард бештар аз чаҳор занро наметавонад дар як вақт дар никоҳи худ дароварад. Аммо, дар сурате ки яке аз чаҳор занро талоқ намояд, пас аз гузаштани иддааш метавонад зани дигареро ба никоҳи худ дароварад.

– Ба шавҳар баромадани духтар ё зани суннимиазҳаб ба марде, ки бинобар эътиқоди вай, таҳриф (каҷсозӣ) ва каму зиёдатие ба Қуръони маҷид роҳ ёфтааст ё бинобар эътиқоди вай модари муъминон ҳазрати Оишаи Сиддиқа (рз) нопок ва муҳматзада бошад ва ё саҳоба ва ёри бовафои паёмбари акрам (с) будани ҳазрати Абубакрро (рз) инкор намояд, ҷоиз нест.

– Ба никоҳ даровардани зан ва духтаре, ки нисбат ба гуфтаҳои боло, як чунин эътиқоди нодуруст ва олуда дорад, низ барои марди мусулмон ҷоиз нест.

– Марде зани озоде дар никоҳи худ дошта бошад, наметавонад ба болои он канизеро ба ақди худ дароварад, вале баръакс, агар канизеро дар қайди никоҳ дошта бошад, метавонад бо зани озоде ақди заношавҳарӣ бандад.

– Марде занеро ба ақди никоҳи худ дароварда, ки аз зино бордор мебошад, ақд ҷоиз аст, вале то замони вазъи ҳамл (таваллуд) набояд бо вай ҳамбистар шавад.

– Марде ду занро дар як ақд ба қайди никоҳи худ дароварад ва баъд маълум гардад, ки яке аз онҳо барои вай ҳалол намебошад, мас., хоҳари разоии ӯ мебошад, никоҳи он зани дигар дуруст аст.

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 5108, 5109, 5110; Саҳеҳи Муслим, 3422 (1408)-33, 3424 (…)-35, 3425 (…)-36; Сунани Абудовуд, 2065, 2066; Сунани Тирмизӣ, 1125, 1126; Сунани Насоӣ, 3288, 3289, 3296.

[2] Соҳиби китоби «Анису-н-нисо» ҳолати вафоти ҳамсарашро аз он ҳукм истисно намудааст, яъне пас аз вафоти ҳамсараш бе гузаштани иддаи вафот метавонад ба хоҳар ва ё дигар бастагони ҳамсараш, ба монанди амма ва холааш ақди никоҳ бандад. Вале соҳиби «Хулосату-л-масоил» чуноне дар матн омадааст, миёни вафот ва талоқи ҳамсараш дар масъалаи мазкур фарқе намегузорад (Ҳафизуллоҳ Тоҳирӣ ва Ғуломаҳмади Муваҳҳидӣ, Хулосату-л-масоили фиқҳи ҳанафӣ. – Ҷ. 2. – С. 9. – Турбати Ҷом, 2003; Анису-н-нисо. – С. 117, 118).

Фасли панҷум

АҲКОМ ВА САЛОҲИЯТҲОИ ВАЛӢ ДАР АҚДИ НИКОҲ

Валӣ дар луғат ба маънои дӯст аст ва дар истилоҳи илми фиқҳ валӣ касеро мегӯянд, ки сарпарастӣ, ихтиёр ва салоҳияти никоҳи писару духтарро дар даст дошта бошад.

Валии писару духтар аввал падар аст ва дар сурате ки падар набошад, падаркалон (бобояш) аст, то кадом дараҷа (пушт)-е, ки дар қайди ҳаёт бошанд. Агар аз инҳо касе мавҷуд набошад, пас бародари аъёнӣ ва агар он ҳам ёфт нашавад, бародари ъаллотӣ. Чун то ин ҷо аз бародарон ва насли эшон касе пайдо нагашт, он гоҳ амаки аъёнӣ ва дар сурати набудани вай, амаки ъаллотӣ ва агар инҳо худ набуданд, фарзандони онҳо ба ҳамон тартиби баёнгардида, сарпарастии духтару писари хурдсолро ба уҳда мегиранд.

Чун аз онҳо низ касе пайдо нагардад, навбат ба амаки падар ба ҳамон тартиби зикршуда ё амаки падаркалон бар ҳамон тартиби номбурда мерасад. Вақте то ба ин ҷо аз тарафи падар касе ёфт нашуд, дигар валӣ ва соҳиби ихтиёр модар аст. Агар модар набошад, модаркалон (бибӣ) ва чун инҳо низ набошанд, хоҳари аъёнӣ, баъд аз он хоҳари ъаллотӣ ва дар сурати набудани эшон низ, сарпарастии онҳо (духтару писар) ба хоҳари ахёфӣ (падарҷудо) вогузор мегардад.

Писару духтари ба балоғат расида, дар амри никоҳи худ соҳибихтиёр мебошанд. Ҳеҷ касе ҳаққи маҷбур кардани онҳоро барои никоҳ надорад. Агар худи онҳо бо касе ақди никоҳ бастанд, ҷоиз аст, хоҳ валии онҳо ба ин амр огоҳ бошад ё не. Розӣ будан ё набудани валӣ дар кори эшон таъсире надорад.

Аммо агар духтару писари ба балоғат расида ба ғайри куфв ақд бастанд, дар сурате ки валии эшон ба ин никоҳ розӣ набошад, ақдашон ҷоиз нест. Вале агар бо куфви худ ақд намуда ва танҳо ин ки маҳраш аз маҳри мисл камтар бошад, бо вуҷуди эътирози валӣ, ақд ҷоиз мегардад, лекин валӣ метавонад ба маҳкамаи шариат мурочиат ва аз тариқи ҳокими шаръ ақдро фасх (бекор) намояд. Яъне, валӣ ҳаққи талаби фасхро дорад. Куфв ба маънои ҳамто, монанд, ҳампо ва ҳамвазн мебошад.

– Аз байни валиҳои (соҳибон) писару духтар танҳо мардон метавонанд ақдро фасх намоянд, на занон;

– Агар валӣ бе иҷозати духтару писари ба балоғат расида онҳоро барои касе ақд намуд, ин ақд мавқуф бар иҷозати онҳо аст. Агар иҷозат доданд, ҷоиз мегардад ва агар иҷозат надоданд, ҷоиз нест ва никоҳ ботил мешавад;

– Агар валии духтар ба духтари болиға (ба балоғат расида) гӯяд, ки туро барои фалонӣ ақд кардам, ё мехоҳам ақд намоям, духтар дар ҷавоб хомӯш истод, ё бо овози баланд ханда кард ва ё гиряи беовоз (бефиғон) намуд, ин ҳама ба манзалаи ризоият ва иҷозат мебошанд. Дигар иҷозати сареҳ лозим нест. Аммо агар валии духтар номи шавҳарро нагирифт, инҳо далолат бар ризоят намекунанд;

– Ҳангоми гирифтани иҷозати никоҳ аз духтар, агар маблағ ва миқдори маҳр барояш баён карда нашавад, вале баъдҳо маълум гардад, ки аз маҳри мисл хеле камтар будааст, дар ин сурат, бе ризоияти зан ба ин маҳр никоҳ баста (мунъақид) намегардад. Агар зан ба ин маҳр розӣ нашуд, бояд дуюмбора аз ӯ иҷозати никоҳ гирифта шавад, то никоҳ баста гардад;

– Зани шавҳардида (бева) бояд иҷозати никоҳро ошкоро бигӯяд, бо рамзҳо аз ӯ қабул нест;

– Агар пардаи бакорати (духтарии) зане ба сабаби ҷасту хези зиёд ё ҳайз дидани бисёр ё бар асари ҷароҳату беморӣ ва ё дар натиҷаи бало рафтани синну сол, аз байн равад, он зан дар ҳукми занҳои бокира (духтар) ҳисоб мешавад;

– Дар сурати ҳузур доштани падар, агар бародар ё амак бе иҷозат ва фармоиши вай барои ба даст овардани ризоияти духтар дар хусуси ба шавҳар баровардан миёнарав шуданд, дар ин сурат хомӯшии зан далели иҷозат ва аломати ризоят ба шумор намеояд, бояд бо сароҳат (ошкоро) иҷозат диҳад. Аммо агар ин

кори онҳо ба дастури падар бошад, хомӯшӣ далели ризоят ба шумор меояд;

– Дар сурате ки валӣ бе иҷозати духтар ӯро барои касе ақд намояд, он гоҳ худаш хабари ба шавҳар доданашро биовараду ва зан бо шунидани он хомӯш истад, ин сукут ва хомӯшӣ аломати ризоят аст ва ақд ҷоиз мегардад. Вале агар шахси дигаре ғайр аз валӣ хабари ақдро оварад ва зан сукут кунад, ин хомӯшӣ аломати ризоят нест, бояд ризояти худро бо сароҳат нишон диҳад;

– Агар зан дар мавридҳое, ки изҳори назар барояш бо сароҳат лозим аст, хомӯш истод, вале ҳангоме ки шавҳар барои ҳамбистарӣ ба наздаш омад, норизоятӣ ва эътирозе аз худ нишон дод, дигар суде (фоидае) надорад, никоҳ ҷоиз гардидааст;

– Падар бе иҷозати духтари хурдсоли худ метавонад ӯро ба шавҳар диҳад ва ё барои писари хурдсоли худ занеро ақд намояд, фарқе намекунад, ки духтари хурдсол бикр бошад ё шавҳардида;

– Духтару писари хурдсол бе иҷозати валиашон наметавонанд барои худ ақди никоҳ банданд. Иттифоқан агар онҳо худ ё шахси дигаре бе иҷозати валӣ онҳоро ба никоҳ бароварад, ин никоҳ мавқуф ба иҷозати валӣ мебошад. Агар иҷозат диҳад, никоҳ ҳамчунон ба эътибори қонунии худ боқӣ мемонад ва агар рад намояд, никоҳ ботил мегардад;

– Дар сурате ки падар ё падаркалон (бобо) барои писари хурдсоли худ ақд бандад ва ё духтари хурдсолашро ба шавҳар диҳад, пас аз расидан ба синну соли балоғат барои онҳо дигар ҳаққи фасхи (ҷудо намудан) ақди пешин боқӣ наемонад. Аммо агар дигаре ғайр аз падар ва падаркалон ин корро карда бошанд, пас аз синни балоғат низ ихтиёри ин ҳақ барои онҳо маҳфуз (боқӣ) аст;

– Дар сурате ки шахси дигаре ғайр аз падар ин корро барои онҳо анҷом дода бошад, агарчанде ақд бо ҳамкуфв ва маҳри мисл анҷом гирифта бошад ҳам, боз то синни пас аз балоғат барои онҳо ҳаққи фасх боқӣ мемонад, вале агар ақд ба нокуфв ва ё камтар аз маҳри мисл сурат гирифта бошад, никоҳ аслан баста намегардад;

– Дар сурати мудохилаи шахсони дигаре ғайр аз падар ва падаркалон дар амри никоҳи писару духтари хурдсол, ба шарте ки онҳо ба ақд розӣ набошанд, пас аз синни балоғат бояд фавран норизоятии худро эълон намоянд ва ин эълони онҳо барои фасхи ақд кофӣ (басанда) нест. Ақд бояд бо қароре аз тарафи маҳкамаи шаръ, фасх (ҷудо) гардад;

– Дар сурате ки писару духтари хурдсол пас аз синни балоғат чанд муддате тааммул ва даранг (таъхир) намуданд ва эътирозу норизоятии худро фавран эълон накарданд, дигар ҳаққи ихтиёри фасхи ақд аз дасти онҳо хориҷ мешавад, минбаъд наметавонанд никоҳи худро фасх намоянд;

– Дар сурате ки писару духтари хурдсолро шахси дигаре ғайр аз падару падаркалон ба никоҳ бароварда бошад ва хабари ақд пас аз балоғат низ то муддате ба онҳо нарасид, дар чунин ҳолат ҳаққи ихтиёри фасх аз онҳо соқит намегардад. Ҳар гоҳ, ки хабардор шуданд, ҳаққи ихтиёри фасх ё иҷозат барои онҳо боқист. Ба шарте ки пеш аз балоғат бо ҳам ҳамбистар шуда ва баъдҳо ба балоғат расида бошанд, фавран эъломи назар лозим нест, метавонанд пас аз муддате ақдро фасх намоянд;

– Дар ҳолати ғиёби (набудан) наздиктарин валии хурдсол, агар дар интизори расидани ӯ бимонанд, фурсати салоҳу хайри онҳо аз даст меравад, дар ин ҳолат валии дур низ метавонад ҷашни ақдро баргузор созад. Аммо агар як чунин зарурате наомада бошад, ақд бар иҷозати валии наздик мавқуф аст. Вақте ҳозир гашт, метавонад ё ақдро фасх намояд ва ё ба дурустии он иҷозат диҳад;

– Валии зани девона барои ақд дар сурате ки ҳам падар ва ҳам писари бузург дошта бошад, писараш мебошад;

– Дар сурате ки писару духтари хурдсол валӣ ва соҳибе барои интихоби никоҳ надошта бошанд, сарпарастӣ ва назорати онҳо барои никоҳ бар зиммаи ҳокими шаръ мебощад.

Эзоҳ: *Агар яке аз зану шавҳари хурдсол пеш аз синни балоғат бимирад, он дигар аз вай ирс мебарад.*

Эзоҳ: *Чунин барқарор намудани ақди никоҳ дар миёни ду хурдсол, ки ҳанӯз ба балоғат нарасида бошанд, ё дар даврони ширхорагӣ ба сар баранд ва ё яке чунин хурд ва ҷониби дигар бузург бошад, дар гузашта маъмул буда, имрӯзҳо танҳо як сурати он дар миёни мардум роиҷ мебошад ва он ҳамон расми гаҳворабахшиш мебошад, ки валӣ ва сарпарасти ду навзод он дуро бо ҳам гаҳворабахшиш менамоянд.*

Фасли шашум

ИНТИХОБИ КУФВ БАРОИ ҲАЁТ

Куфв дар луғат ба маънои мислу монанд ва ҳамшаън аст. Аслан дар шариати ислом меъёри шарофатмандӣ ва мизони бузургӣ диёнат ва тақвост. Худованди бузург дар Қуръони маҷид мефармояд:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ ٱللَّهِ أَتْقَىٰكُمْ

«Ба ҳақ, арзишмандтарин ва гиромитарини шумо дар пешгоҳи Худованд ҳамон парҳезгортар ва поктари шумо аст).[1]

Вале аз он ҷо, ки шариати муқаддаси ислом ба воқеиятҳои амалии ҳаёти инсон сару кор дорад ва мехоҳад пайравони худро ба сӯи беҳтарин хотима дар тамоми корҳо раҳнамун бошад, кафоат ва ҳамшаъниро дар амри издивоҷ ва заношавҳарӣ сахт эътибор додааст, то хонаводаи ҳаматарафа солим ва бо дурнамои воқеӣ барпо намояд. Муҷтаҳидон ва донишварони бузурги ислом дар сояи арзишҳои фикрию маънавии волои он ва бо дарки масъулият ва эҳсоси оқибатандешӣ ба ин амри ҳаётан муҳим дар ҳаёти заношавҳарӣ эҳтимоми ҷиддӣ варзида, онро аз паҳлӯҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Шариати ислом, чӣ тавре мебинем, барои ҳифз ва таъмини ҳадафҳои муҳимми худ аз бинои хонавода, ҳар гуна лаззатҷӯиҳои гузарои ҷинсӣ ва никоҳи муваққатро ҳаром гардонидааст, зеро дар он гуна комҷӯиҳо ва васлатҳои муваққатӣ ҳадафҳои арзишманди ислом аз бинои хонавода таҳаққуқ намеёбанд. Балки дар он гуна пайвандҳои муваққатӣ инсон танҳо ба унвони мояи таъмини лаззатҷӯиҳои ҷинсӣ зуҳур менамояд.

Ҳамин тавр, барои таҳкими пояҳои хонавода, ҳифзи он аз фурӯпошӣ ва низ барои пешгирӣ аз бурузи ҳар гуна мушкилот ва пешомадҳои хонаводагӣ як силсила меъёрҳои маърифатӣ, баробарӣ дар ҷанбаҳои гуногун ва ҳамшаъниро дар миёни марду зан пешбинӣ намудааст. Суханон ва иршодоти амалии расули Худо (с) дар ин маврид роҳнамои онҳо мебошанд.

Арзишҳои фарҳангӣ, сатҳи бинишҳои динӣ, бардоштҳои иҷтимоӣ, муставои молӣ ва умуман, тарзи зиндагии ҳар миллат бо миллати дигар, ҳар минтақа бо минтақаи дигар ва ҳатто ҳар қишри ҷомеа бо қишри дигари он фарқ мекунанд. Дар чунин ҳолат он издивоҷе муваффақ ва он хонаводае пойдор мемонад, ки дар миёни марду зан тавофуқ ва ҳамсангие дар сатҳҳои гуногун вуҷуд дошта бошад.

Бар ҳамин асос, ҳамшаън ва ҳамсанг (куфв) буданро дар амри интихоби ҷуфти ҳаёт донишмандон муътабар донистаанд, то дар оянда низ аз ба хатар афтодан ва қатъ гардидани робитаҳо дар байни мусулмонон ки мумкин аст бар асари васлатҳои (пайвандҳо) осебпазир дар зиндагонии иҷтимоии онҳо ба вуҷуд биояд, пешгирӣ шавад.

Аз назари илмҳои ҷомеашиносӣ ва равоншиносии муосир низ исбот шудааст, ки ба эътибор нагирифтани асли кафоат ва ҳамшаънӣ ва сарфи назар намудан аз тафовутҳои гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва ғайра дар марду зан ҳангоми бунёди оила аз муҳимтарин омили бурузи буҳронҳои хонаводагӣ ва сабаби фурӯпошии аксари оилаҳо ба шумор меравад.

Асли қонуни кафоат ва ҳамшаънӣ дар миёни марду зани хонадоршаванда дар шариати ислом барои ҳимояи ҳуқуқҳои мадании занон поягузорӣ шудаст ва он ҳаққи зан ва сарпарастони вай мебошад, яъне ҳангоми иқдом ба бунёди хонавода ва оғози ҳаёти нав зан ва сарпарасти вай бояд хуб диққат намоянд, ки он

[1] Сураи Ҳуҷурот, 49: 13.

марде, ки ба хостгории ӯ омадааст, оё куфв ва ҳамшаъни вай мебошад ё не?

Кафоат, яъне баробарӣ, ҳамшаънӣ ва ҳамтирозии мард бо зани ҷуфтшаванда аз назари мазҳаби ҳанафӣ дар шаш амр ва ё чиз мавриди эътибор қарор мегирад:

1. *Дар аслу насаб;* 2. *дар мусулмон будан;* 3. *дар мизони диёнат;* 4. *дар вазъи молӣ ва маишӣ;* 5. *дар касбу ҳунар;* 6. *дар озодӣ.*

1. Баробарӣ ва ҳамшаънӣ дар насаб ин аст, ки марди саййидзода бо зани саййида издивоҷ намояд, агарчи яке ҳошимӣ ва дигаре ғайри ҳошимӣ бошанд. Ҳамчунин арабҳо бо якдигар куфв мебошад ва мардуми аҷам (ғайриараб) бо якдигар куфв ҳастанд, вале бо арабҳо куфв намебошанд. Зеро онҳо дар урфу одатҳои зиндагӣ ва хусусиятҳои қавмӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Албатта, ин ба маънои он нест, ки арабҳо аз мардуми аҷам бартаранд ва инҳо аз назари шарофатмандӣ ва арзиши инсонӣ аз онҳо пастаранд, балки ба маънои он аст, ки тарзи зиндагӣ ва урфу одатҳои онҳо аз якдигар фарқ мекунанд ва ҳамин тафовутҳои сатҳҳои гуногуни зиндагӣ дар дурнамои ҳаёти хонаводагӣ таъсир мегузоранд.

Аз сӯи дигар, ин амр то замоне эътибори шаръӣ дорад, ки қавмҳо ва миллатҳои гуногун ҳанӯз дар сатҳи густардае бо ҳам омезиши иҷтимоӣ наёфта бошанд ва тарзи зиндагонӣ ва урфу одатҳои онҳо бо ҳам наздик нагашта бошанд.

а) Дар насаб падар эътибор аст. Агар падар саййидзода бошад, фарзандон низ саййидзода ба шумор мераванд ва агар падар саййидзода набошад, ҳарчанд модар саййида бошад ҳам, фарзандон саййидзода намебошанд. Қурайшиҳо бо якдигар куфв ҳастанд.

б) Кафоат ва баробарии дар насаб дар миёни қавмҳо ва халқиятҳои дигар низ, агар дар урфи онҳо роиҷ бошад, эътибор дорад.

2. Дар миёни қавмҳо, халқиятҳо, хонаводаҳо ва одамоне, ки нав ба ислом мегараванд, баробарӣ дар ислом низ мавриди эътибор қарор мегирад. Бинобар ин, марде, ки танҳо аз падараш ба ин сӯ мусулмон омадааст, наметавонад бо зане, ки падар ва падаркалонаш мусулмон буданд, куфв ва ҳамшаън бошад. Ҳамин тавр, марде, ки танҳо худаш мусулмон аст ва падараш кофир, бо зане, ки ҳам худаш ва ҳам падараш мусулмон аст, куфв ва ҳамрадиф намебошад.

Марде, ки падар ва падаркалонаш мусулмон гузаштаанд, бо зане, ки пушт ба пушт мусулмон омадааст, куфв мебошад. Вақте дини ислом се наслро дар бар гирифт, дигар ҳама баробар мешаванд.

3. Аз назари ислом диёнат, салоҳ ва поксириштии мард низ дар бинои хонавода бояд ба эътибор гирифта шавад. Марди шаробхор ва бебандубор аз назари диёнат бо зани диндору покдоман куфву ҳамсанг намебошад.

Зеро ҳам шаръан ва ҳам аз назари инсонӣ шаробхорӣ, бебандуборӣ ва дигар олудагиҳои ахлоқӣ ба шаъну шараф ва каромати инсонии шахс латма мезананд ва ӯро дар байни ҷамъият ба инсони беҳайсият ва беобрӯ табдил медиҳанд. Пас дар шаъни як зани покдоман ва бодиёнат нест, ки бо чунин марде ҳамрадифи ҳаёт гардад. Худованд мефармояд:

«Оё касе, ки муъмин аст, ба мисли касе аст, ки фосиқ бошад? (Онҳо ҳаргиз) бо ҳам баробар намебошанд».[1]

5. Баробарии вазъи молӣ ва наздикии сатҳи маишии мард бо хонаводаи зан низ бояд ба эътибор гирифта шавад. Кафоат аз лиҳози вазъи молӣ ва сарватмандӣ ин аст, ки мард қудрати додани маҳри занро дошта бошад. Бинобар ин, агар марде қудрати додани нафақа ва маҳри занро надошта бошад, бо як духтари сарватманд ва молдор куфву ҳамрадиф намебошад. Дар сурате ки қудрати додани маҳру нафақаи занро дошта бошад, вале танҳо аз нигоҳи дорой бо зан баробар набошад, бо вай куфв ба шумор меояд.

6. Баробарӣ дар касбу ҳунар ин аст, ки ҳар ду ҳамкасб бошанд ва ё ду касби бо ҳам наздик дошта бошанд. Зеро гуногунии муҳитҳои касбу кор дар вазъи иҷтимоӣ ва равонии онҳо низ таъсироти гуногун мегузорад. Бинобар ин, мардоне, ки ба корҳои дар урфи мардум ҳақир машғул мебошанд, бо занони хонадоне, ки ба касбҳои обрӯмандона шуғл меварзанд, куфв намебошанд.

7. Худованд одамро озод офаридааст ва касеро дар асли офариниш ғуломи касе нагардонидааст, вале дар гузаштаи таърих баъзе одамон дар натиҷаи омилҳои гуногуне баъзе ҳамнавъо-

[1] Сураи Саҷда, 32: 18.

ни худро ба ғуломӣ кашиданд ва онҳоро аз озодӣ ва ҳайсияти иҷтимоӣ маҳрум намуданд.

Бадеҳист, ки ҳаёти ғуломона тарзи тафаккур, ҳолатҳои равонӣ ва вазъи хосеро дар инсон ба вуҷуд меовард, ки комилан аз шахси озод фарқ мекунад. Бинобар ин, дини ислом ин воқеъияти амалии ҳаётро дар он давра ба инобат гирифта, марди ғуломро куфв ва ҳамшаъни зани озода надонистааст. Ҳатто ба марди озоде, ки зани озодае дар никоҳ дорад, иҷозат надодааст, ки ба болои вай канизеро ба никоҳи худ дароварад.

– Марди девона шоиста ва куфви зани ҳушёр нест.

– Агар марде бо фиреб худро ҳамшаън ва куфви зан нишон диҳад, вале баъдан маълум шавад, ки дар яке аз сифатҳои мазкур бо вай куфв нест, падар ва дигар сарпарастони зан метавонанд никоҳи ӯро бекор намоянд, яъне вақте мардро ҳамшаъни духтари худ набинанд ва идомаи зиндагии ӯро бо он мард нахоҳанд, метавонанд духтари худро аз вай ҷудо созанд.

– Ҳамшаън ва бо ҳам куфв набудани марду зане, ки мехоҳанд дар оянда бо ҳам ҷуфт шаванд, монеъи издивоҷ ва бинои заношавҳарии онҳо намегардад. Яъне ҳамшаън ва куфв будан шарти афзалият барои издивоҷ аст, на шарти сиҳҳати ақди никоҳ. Аммо дар канори он ки ояндаи равшане барои ин ношоистагӣ маълум нест, дар сурате ки зан бе иҷозати валӣ ва соҳиби худ ба никоҳи нокуфв даромада бошад, валӣ метавонад бо муроҷиат ба додгоҳ ақдро фасх намояд.

Бояд зан ва сарпарасти вай, пеш аз ҳама, ба роҳу рафтор ва фарҳангу диёнати мард нигоҳ кунанд ва аз миёни хостгорон марди бодиёнат, боахлоқ ва аҳли салоҳро интихоб намоянд. Зеро тақво, арзишҳои имонӣ ва фарҳанги динии мард ӯро ба ҳусни муошират ва риояи ҳуқуқҳои ҳамсараш вомедорад ва аз зулм ва рафтори хушунатомез бозмедорад.

Расули Худо (с) дар ин бора тавсия ва иршод мефармояд: ***«Вақте ба хостгории (духтари шумо) шахсе омад, ки аз дину ахлоқи вай розӣ бошед, духтаратонро ба никоҳаш дароваред (ва ӯро ба домодӣ бипазиред), зеро агар ин корро накунед, дар рӯи замин фитнаву фасоди бузурге ба вуҷуд меояд».***[1]

[1] Саҳеҳ: [Саҳеҳи Сунани Тирмизӣ, 866]; Сунани Тирмизӣ, 1084, 1085; Сунани Ибни Моҷа, 1967.

Падар ва сарпарасти зан барои шинохти шахсият, мизони одамият ва сатҳи ахлоқ ва диёнати хостгор бояд ба таври дақиқ аз ҳоли вай ҷӯё шаванд, ба ҳамнишинони вай бинигаранд, аз аҳли хонавода ва муҳити иҷтимоии вай огоҳ шаванд, то дар интихоби ҳамсари муносиб ба хатое роҳ надиҳанд. Яъне набояд дар амри интихоби ҷуфти муносиб барои духтар ва ё хоҳари худ кӯтоҳӣ намоянд ва шахси фурӯмоя, бадкора, беномус ва ё носипосеро, ки аз Худо наметарсанд, бар ирзу номус ва ҷони вай мусаллат созанд ва ӯро ба шақои абадӣ гирифтор намоянд.

ИНТИХОБИ ҲАМСАРИ МУНОСИБ

Дини мубини ислом барои мардон низ тавсияҳо ва иршодоти гаронбаҳоеро дар заминаи интихоби ҳамсари муносиб иноят фармуда, ки фурӯғи он ҳамвора бар фарози роҳи башарият метобад. Муҳимтарин сифоте, ки аз назари ислом дар интихоби ҳамсар аҳаммият доранд, иборатанд аз:

1. Диёнат, ахлоқ ва фарҳанги баланди динӣ. Расули акрам (с) дар мавриди хостгорӣ ба мардон занонеро тавсия мекунад, ки ҷанбаи диндории онҳо баланд бошад. Он ҳазрат (с) мефармояд: **«Занон (аслан) ба хотири чаҳор чиз барои издивоҷ ва ҳаёти хонаводагӣ (заношавҳарӣ) интихоб мешаванд:**

а) ё ба хотири молу дороӣ (ва шароити беҳтари зиндагониашон),

б) ё барои аслу насаби хубашон,

в) ё аз ҷиҳати зебоӣ ва ҷамолашон,

г) ё барои диндорӣ (ва ахлоқи хубашон).

Пас зани диндореро интихоб кун, дастонат ба хок олуда бод».[2]

Албатта, дар ин ҷо ба диндор будани зан набояд мансуб будани вай бо яке аз динҳои осмониро дар назар дошта бошем, *балки фарҳанги волои динӣ, шинохтҳои дуруст ва ҳамаҷонибаи исломӣ ва ахлоқи ҳамидаи бархоста аз чунин фарҳанге мавриди назар мебошад.*

2. Ҳусну ҷамол ва зебоӣ. Пас аз он ҳусну ҷамол ва зебоии зан низ дар таъмини оромиши нафс, ҳифзи нигоҳ ва ҷалби муҳаббати мард нақши муассире доранд ва эҳсон (иффат ва по-

[2] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 5090. Саҳеҳи Муслим, (1466)-53.

кӣ)-ро барои ӯ ҳосил менамоянд. Расули Худо (с) пурсида шуд: *Беҳтарини занон кадом аст? фармуд:* ***«Зане, ки шавҳарашро, вақте ба ӯ нигоҳ кард, масрур созад ва чун амре кард, ӯро итоат намояд ва дар нафси худ ва моли шавҳараш коре накунад, ки ӯро бад ояд».***[1]

Шоёни зикр аст, ки ҳусну ҷамол ва зебоии зан вақте хуб ва дар боби издивоҷ дорои аҳаммият аст, ки вай бодиёнат, боахлоқ ва дорои фарҳанги динӣ бошад.

3. Зоянда ва насловар будан. Мард бояд барои ҳамсарӣ зани зоянда ва насловарро интихоб намояд. Зеро бенаслӣ ва ақимӣ ҳарчанд аз назари инсонӣ нақсе ба шумор намеравад, вале зояндагӣ ва насловарӣ дар зиндагӣ камол ва салоҳи зан аст. Худованд дар бораи зани Закарийёи паёмбар (а), ки ақим ва нозо буд, мефармояд: **«…ва аслаҳно лаҳу завҷаҳу» (ва ҳамсарашро барои ӯ ба салоҳ овардем),**[2]яъне ба вай қобилияти зоиш ва насловарӣ бахшидем.

Ривоят шудааст, ки марде ба расули Худо (с) гуфт: Ман зани боҳасаб ва соҳибҷамолеро ёфтаам, вале нозо аст. Оё бо вай издивоҷ намоям? (Расули Худо (с)) фармуд: Не. Он мард бори дуюм ва сеюм ба назди он паёмбар(с) омад ва он ҳазрат (с) ӯро аз ин кор наҳӣ кард, он гоҳ фармуд: ***«Бо зани бонавозиш ва зоянда издивоҷ намоед. Зеро ман бо (бисёрии) шумо дар миёни дигар уммathҳо ифтихор менамоям».***[3]

Дар ин тавсияҳо ба роҳи беҳтари интихоби ҳамсар ва аҳаммияти фарзанд дар ҳаёти иҷтимоии зану шавҳар таъкид шудааст ва набояд онро ба маънои тарк ва раҳо кардани занони ақим ва нозо ва ё нодуруст будани никоҳи онҳо донист.

4. Аз хонаводаи наҷиб ва мардуми боасл интихоб кардани ҳамсар. Барои мард хуб аст, ки ҷуфт ва ҳамрадифи ҳаёти хешро аз мардуми наҷиб ва аз хонаводаи боасле интихоб намояд, то фарзандонаш ба мисли онҳо наҷиб, хушахлоқ ва нексифат биоянд. Зеро илман собит шудааст, ки бисёре аз сифатҳо ва хусусиятҳои ирсии падарон, модарон ва дигар гузаштагон аз роҳи виросат ба фарзандон интиқол меёбанд.

Баъзе аҳодиси набавӣ низ ба ин воқеият ишора доранд, аз ҷумла: ***«Барои нутфаҳоятон баргузинед, зеро занон шабеҳи бародарони худро мезоянд».***[4]

Расули Худо (с) ҳамчунин дар бораи интиқоли хусусиятҳои ирсӣ ба ҷанин мефармояд: **«*… Вақте рӯзи ҳафтум (-и қарор гирифтани нутфа дар раҳм) шавад, Худованд тамоми реша ва насаберо, ки дар байни ӯ ва Одам вуҷуд дорад, ҳозир созад, он гоҳ ояти «Дар кадом шакл ва сурате бихоҳад, туро таркиб намояд»-ро тиловат кард»*** [Сураи Инфитор, 82:8].[5]

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки расули Худо (с) аз марде пурсид: ***Чӣ ёфтӣ?*** Он мард гуфт: Эй расули Худо, дигар чӣ меёфтам, ё писар аст ва ё духтар. Расули Худо (с) боз пурсид: ***Ба кӣ монанд аст?*** Мард гуфт: Эй расули Худо, ба кӣ ҳам метавонад монанд бошад, ё ба падараш ва ё ба модараш. Расули Худо (с) фармуд: ***Эй мард, гӯш кун (ва) ин суханро нагӯй! Нутфа вақте дар раҳм қарор гирад, Худои таъоло тамоми насаберо, ки дар байни ӯ ва Одам вуҷуд дорад, ҳозир созад. Оё ин оятро дар китоби Худои таъоло нахондаӣ, ки мефармояд: «Дар кадом шакл ва сурате бихоҳад, туро таркиб намояд»***, яъне шакл ва сурати туро муайян намояд [Сураи Инфитор, 82: 8].[6]

Калимаи «ирқ», ки дар чунин мавридҳо одатан ба маънои реша, пушт ва насаб тарҷима мешавад, дар ин қабил аҳодиси расули акрам (с) бинобар истилоҳоти имрӯзаи илмӣ ба маънои ҳамон хромосомаҳо ва ё генҳои ҳомили хусусиятҳои ирсӣ омадааст.[7]

5. Муоинаи тиббӣ ва ташхиси лабораторӣ.

[1] Сунани Насоӣ, 3231.

[2] Сураи Анбиё, 21: 90.

[3] Сунани Абудовуд, 2050; Сунани Насоӣ, 3227.

[4] ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 46.

[5] Ҳадисро Табаронӣ дар Муъҷаму-л-кабир (19/290) ривоят карда ва Ҳайсамӣ дар Маҷмаъу-з-завоид (7/11472) риҷоли онро сиқа гуфтааст.

[6] Ҳадисро Ҳайсамӣ дар Маҷмаъу-з-завоид (7/11473) ва Ибни Касир дар тафсири сураи Инфитор (6/7180) ба сабаби вуҷуди Мутаҳҳар ибни Ҳайсам дар силсилаи санадаш заъиф гуфтаанд, вале ҳадиси қаблӣ ва ҳамчунин ҳадиси «назъаи ирқ», ки дар Саҳеҳайн (Бухорӣ, 5305, 6847 ва Муслим, 3745 (1500)-18, 19, 20) ривоят шудааст, ин маъноро таъйид менамоянд.

[7] Карим Наҷиб Ағарр, Эъҷози Қуръон дар он чи дар раҳмҳо нуҳуфтааст. – С. 142.

Барои огоҳии бештар ба ин мавзӯъ ба тафсири ояти шашуми сураи Оли Имрон дар «Тафсири навини Қуръони карим» таълифи муаллиф мурочиат кунед.

Гузаронидани муоинаи тиббӣ ва ташхиси лабораторӣ дар тамоми мавридҳо амалан зарурате надорад. Вале дар баъзе мавридҳо, агар имкон бошад ва ҳеҷ гуна ҳолати хилофи шаръ мушоҳида нашавад, пеш аз ақди никоҳ супоридани таҳлил (анализ)-и умумӣ, таҳлили таркиби оби мании мард ва муайян кардани навъи хун ҳам барои мард ва ҳам барои зан шарҳан хуб ва гоҳо зарур аст.

Зеро имрӯзҳо илман ба исбот расидааст, ки агар шумораи табиии ҳайвоноти манавӣ (сперматозоидҳо) дар ҳар миллиметри таркиби оби манӣ аз чиҳил миллион ва нисбати фаъолияти зиндаи онҳо ҳангоми ҷаҳиш ва берун шудан аз 65 дарсад камтар бошад, дар чунин ҳолат эҳтимоли бордор нашудани зан пеш меояд.

Агар гурӯҳ (группа)-и хуни марду зан бо ҳам мувофиқ наоянд, он ё ба бордоршавии зан халал мерасонад ё ба иҷҳози пешазвақтӣ меанҷомад ва ба сабаби зиёд шудани ҷисмҳо ва моддаҳои бегона (антитела) дар таркиби хуни модар ба саломатии ҷанин дар навбати бордории дуюм ва сеюм зарар мерасонад. Ин ҳодиса дар сурати манфӣ будани гурӯҳи хуни зан ва мусбат будани гурӯҳи хуни мард ба амал меояд.

Баъзе бемориҳои занон, ба монанди бемории қанди пешоб, фишори баланди хун, дарди гурда ва ғайра, низ метавонанд ҳамин ҳолатро ба вуҷуд оваранд.

Сифоти зани гузида ва вежагиҳои ҷуфти муносиб ба таври хулоса инҳоянд: а) зани бодиёнат, боахлоқ ва бофарҳанг бошад, б) зоянда ва насловар бошад, в) аз хонадони боасл ва наҷибзода бошад, г) зебо бошад.

ХИЛВАТИ САҲЕҲА

Хилвати саҳеҳа дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои он аст, ки марду зан пас ақди саҳеҳ дар ҷои хилвате бо ҳам гирд оянд, ки аз муошарати ҷинсӣ чизе монеашон нагардад. Монеаҳое, ки аз саҳеҳ гардидани хилват шарҳан монеъ ба ҳисоб мераванд, ба се навъ тақсим мешаванд: монеаҳои табиӣ, монеаҳои ҷисмӣ ва монеа (узр)-ҳои шарҳӣ.

1. ***Монеаҳои табъӣ.*** Фазои боз, ба монанди ҳавлӣ, сатҳи бом, даруни боғ, хонаи даркушода ва ғайра аз ҷумлаи монеаҳои табъие ба шумор мераванд, ки дар онҳо нишастани мард бо ҳамсараш хилвати саҳеҳа ба шумор намеравад. Ҳамчунин хилват дар ҳузури шахси сеюм, ки оқил, болиғ ва ё кӯдаки ба синни рушди фикрӣ расида бошад, ҳарчанд хобида ва ё нобино ҳам бошад, саҳеҳ намегардад. Вале агар он шахс девона, беҳуш ва ё кӯдаки поёнтар аз синни тамйиз (рушди фикрӣ) бошад, хилват дар ҳузури вай саҳеҳ мегардад.

Ин монеаҳо барои он табъӣ номида шудаанд, ки табиати инсон дар он ҳолат аз анҷоми муошарати ҷинсӣ хира мегардад.

2. ***Монеаҳои ҷисмӣ (ҳиссӣ).*** Монеаҳои ҷисмӣ иборатанд аз он бемориҳое, ки аз анҷоми муошарати ҷинсӣ боздоранд, ҳар навъ беморие, ки бошад. Ратақ (баста будани даҳони фарҷи зан), қаран (вуҷуд доштани шох ва ё устухоне дар фарҷи зан), афал (ғадуд) ва ғайра низ аз ҷумлаи монеаҳои ҳиссӣ ба шумор мераванд.

Бемории мард низ, агар дар вай футур ва афсурдагӣ ба вуҷуд оварад ва аз анҷоми алоқаи ҷинсӣ монеъ гардад ва ё дар он ҳолат алоқаи ҷинсӣ ба вай зарар дошта бошад, ҳамин ҳукмро дорад – монеи ҷисмӣ ба шумор меравад. Агар бемориаш ба ин дараҷа сахт набошад, вай дар ҳукми солим аст.

Аммо дар сурати иннин, маҷбуб, хасӣ (ахта) ва хунсои зоҳирулҳол будани мард хилвати онҳо саҳеҳ ба шумор меравад. Зеро онҳо айб (иллат)-ҳое ҳастанд, ки ба онҳо аҳкоми дигаре дар ин замина тааллуқ мегирад.

3. ***Монеаҳои шарҳӣ.*** Манзур аз монеаҳои шарҳӣ узрҳое мебошанд, ки шарҳ анҷоми муошарати ҷинсиро дар аснои онҳо иҷозат надодааст, ба монанди рӯзаи моҳи Рамазон, эҳроми ба ҳаҷ ва ё умра, эътикоф, ҳайзу нифос ва ғайра.

Вақте хилвати мард бо ҳамсараш бо фароҳам омадани шароити муқаррардоштаи шарҳ саҳеҳ гардад, баъзе аҳкоми шарҳӣ ва осори иҷтимоие, ки ба он иртибот доранд, собит мешаванд. Агар пас аз хилвати саҳеҳа ва пеш аз духул талоқ воқеъ шавад, ҳарчанд бо лафзҳои сареҳ ҳам бошад, талоқи боин воқеъ мешавад ва он (хилвати саҳеҳа) дар умури зерин: такмили маҳр, субути насаб, вуҷуби идда, лузуми нафақа, ҳаром будани издивоҷ бо хоҳари ҳамсараш дар муддати идда ҳукми духулро дорад.

а) ***Субути маҳр.*** Агар мард пас аз хилвати саҳеҳа занашро талоқ намояд, вай ба таври ко-

мил мустаҳиққи дарёфти маҳри худ мегардад.

б) *Субути насаб.* Агар мард пас аз хилвати саҳеҳа занашро талоқ намояд ва зан пас аз шаш моҳ фарзанд ёбад, насаби вай аз он мард собит мешавад.

в) Вуҷуби идда. Агар мард пас аз хилвати саҳеҳа занашро талоқ намояд, бар вай ба муддати се ҳайз поидани идда воҷиб мегардад.

г) *Зарурати нафақа дар идда.* Агар мард пас аз хилвати саҳеҳа занашро талоқ намояд, нафақаи вай то поёни муддати идда бар мард воҷиб аст. Нафақа иборат аст аз хӯрду хӯрок, сару либос ва ҷои хоб.

ғ) Субути ҳурмати издивоҷ бо яке аз маҳрамҳои вай дар муддати идда.

Шоёни зикр аст, ки насаб бо ақд собит мешавад, маҳр ва идда бо анҷоми хилват собит мешаванд ва аҳкоми боқимонда аз ҷумлаи осори идда ҳастанд.

Зарур аст бидонем, ки барои собит гардидани тамоми аҳком ва осори издивоҷ бояд ду зинаи дигар пас аз ақди никоҳ тай карда шавад: а) хилвати саҳеҳа ва б) духул (ҳамбистарӣ). Агар пеш аз ин ду зина – пеш аз хилвати саҳеҳа ва духул занашро талоқ намояд, ҳеҷ чизе аз аҳкоми фавқ собит намешавад. Вале агар пас аз хилвати саҳеҳа ақди никоҳ бо духул ва ватӣ тасбит шавад, дигар тамоми аҳком ва осори боқимондаи ақди никоҳ ва пайванди заношавҳарӣ собит мегарданд. Бинобар ин, хилват ҳанӯз ватӣ ва ё духул (ҳамбистарӣ) ба шумор намеравад ва аз онҳо дар бандҳои зерин фарқ дорад:

1. *Эҳсон.* Бо хилвати саҳеҳа ҳанӯз дараҷаи эҳсон барои зану шавҳар собит намешавад, яъне онҳо бо хилвати саҳеҳа муҳсан намегарданд. Эҳсон барои марду зан ҳар ду бо духул ва ҳамбистарӣ дар никоҳи саҳеҳ собит мешавад. Эҳсон бо сод (إحصان) ва ё мӯҳсан (مُحْصَن) шудан дар истилоҳи фиқҳ ба маънои таъмин гардидани шароити иффат барои зану шавҳар аст, ки агар пас аз он зино намоянд, барои онҳо ҳукми сангсор пешбинӣ шудааст.

2. *Ғусл.* Бо анҷоми хилват бар онҳо ғусл воҷиб намегардад, вале бо духул ва ватӣ собит мешавад.

3. *Таҳлил ва ё ҳалол гардонидан.* Хилвати саҳеҳа бо шавҳари дуюм, агар дар он духул сурат нагирифта бошад, занро барои шавҳари аввалаш ҳалол намегардонад. Ин амр бо духули воқеӣ ва пас аз он талоқи шавҳари дуюм собит мешавад.

4. *Руҷӯъ.* Хилвати саҳеҳа бо ҳамсар дар муддати иддааш дар ин ҳолат руҷӯъ ба ҳисоб намеравад, зеро талоқи пеш аз духул, ҳарчанд пас аз хилвати саҳеҳа ҳам бошад, талоқи боин аст.

5. *Ақди нав.* Агар пас аз хилвати саҳеҳа ва пеш аз духул талоқ воқеъ шавад, он талоқи боин аст ва мард дар муддати идда ҳаққи руҷӯъ ба занашро надорад. Ин корро танҳо бо ақди нав ва маҳри дигар метавонад анҷом диҳад.

Аммо агар талоқ пас аз духул ба амал омада ва нисоби он бо се талоқ такмил нашуда бошад, он талоқи раҷъӣ буда, мард метавонад дар муддати идда занро ба мулки худаш баргардонад, яъне ба никоҳи қаблиашон руҷӯъ намоянд.

6. *Мерос.* Талоқи пас аз хилвати саҳеҳа ва пеш аз духул талоқи боин аст. Пас агар яке аз завҷайн дар аснои идда аз ин талоқ фавт намояд, он дигаре аз вай мерос намебарад. Зеро дар муддати иддаи талоқи боин агар яке аз завҷайн фавт намояд, он дигаре аз вай мерос намебарад.

Аммо талоқи пас аз духул, агар бо се талоқ такмил нагашта бошад, талоқи раҷъӣ ба шумор меравад ва бо фавти яке аз онҳо дар муддати идда дигараш аз вай мерос мебарад.

7. *Бақои ҳукми бикрӣ барои зан.* Ба қавли мухтор дар мазҳаб зане, ки пас аз хилвати саҳеҳа ва пеш аз духул талоқ мешавад, вай ҳанӯз ҳукми бикрро дорад.

Тамоми ин аҳком пас аз хилвати саҳеҳа вақте собит мешаванд, ки ақди никоҳ саҳеҳ бошад. Дар никоҳи фосид низ баъзе аҳком ва осори шаръӣ собит мешаванд, ки дар мавзӯи «Никоҳи фосид ва ботил» ба тафсил баён гардидаанд.

МАҲР ВА ҲИФЗИ КАРОМАТИ ИНСОНИИ ЗАН

Ислом ба мардон амр менамояд, ки илова бар он ки маҳри занонро бояд ба таври пурра пардохт намоянд, онро вазифаи шаръӣ ва масъулияти инсонии худ ба шумор оварда, бо хотири хуш ва қалби кушода пардохт намоянд, зеро он ҳаққи шаръии занон аст ва костани он ба ҳар шакле, ки бошад, поймол кардани ҳуқуқи онҳо ба шумор меравад. **«Ва бо хотири хуш маҳри занонро пардохт намоед!»**

Пеш аз зуҳури дини слом нисбат ба занон дар мавриди маҳр ба чанд сурат зулму беадо-

латӣ раво дошта мешуд:

а) Аввал он ки маҳр ба худи зане, ки ба шавҳар баромадааст, дода намешуд, балки он ба сарпарасти вай, аз қабили падар, бобокалон, бародар ва ё амакаш дода мешуд ва валии амри зан ба ҳар сурате, ки дилаш мехост ва ё вазъи зиндагиаш тақозо мекард, дар он тасарруф менамуд ва чизе ҳам ба он зан намерасид.

б) Дуюм он ки шавҳар ва ё сарпарасти вай маҳрро бо дили нохоҳ ва ба таври маҷбурӣ пардохт мекард ва онро барои худ зиён ва пардохти талхе ба ҳисоб меовард.

в) Сеюм он ки бисёре аз шавҳарон тасаввур мекарданд, ки зан пас аз ба шавҳар баромадан дигар чорае надорад ва наметавонад ба хостаҳои мард мухолифат ва эътирозе намояд. Бинобар ин, ӯро зери фишор қарор дода, ба гузаштан аз маҳраш вомедоштанд ва ё он қисматеро, ки ҳанӯз пардохт накарда буданд, дигар пардохт намекарданд. Занон низ аз дарёфти ҳаққи худ навмед гашта ва ё ба фикри он ки мабодо дар натиҷаи пофишорӣ барои дарёфти маҳр дар зиндагиашон кудурат ва ногуворие пеш ояд, ба он одати золимона тан медоданд ва аз талаби ҳаққи худ даст мекашиданд.

Дини ислом тамоми ин одатҳои золимонаро бекор ва кафолатҳои ҳуқуқии занонро барқарор намуд. **Маҳр ҳаққи шаръии зан мебошад,** вай метавонад онро ба захираи молӣ ва ё гардиши иқтисоди худ биафзояд ва ё ба ҳар сурате, ки салоҳ мебинад, дар он тасарруф намояд.

Вале агар онҳо бо хотири хуш ва аз таҳти дил чизе ва ё миқдоре аз маҳрашонро талаб накарданд ва ё аз он даргузаштанд, пас метавонед хушу гуворо аз он бихӯред ва ё дар он тасарруф намоед. ***«Аммо агар онҳо бо ризояти хотир ва дили форам чизе аз онро бароятон бозгузоштанд, пас онро хушу гуворо бихӯред!».***[1]

ПАРДОХТИ МАҲР

1. Маҳр шаръан воҷиб аст ва камтарин миқдори он ҳафт мисқол нуқра мебошад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَءَاتُوا۟ ٱلنِّسَآءَ صَدُقَٰتِهِنَّ نِحْلَةً

«Ва маҳри занонро ба таври ҳатмӣ пардохт намоед».[2]

Яке аз ҳадафҳо ва ҳикматҳои вуҷуби маҳр нишон додани аҳаммияти паймони издивоҷ, таҳкими пояҳои истиқлоли шахсияти зан, изҳори ҳусни ният ва садоқати мард ба издивоҷ бо он зан ва эҷоди заминаҳои бақо ва пойдории зиндагӣ дар ояндаи ин хонавода мебошад. Зан бо таъйини маҳр аз ҳамон ибтидо ҳамчун фарди комилҳуқуқ, дорои ҳайсият ва каромати иҷтимоӣ ва шахсияти мустақили иқтисодӣ вориди арсаҳои зиндагонии муштарак мегардад.

Вай агар дорои иқтисоди дар гардише бошад, бо моли маҳрияи худ метавонад онро суръати тозае бахшад ва ё онро барои рӯзе ба сурати пасандозҳои молии худ нигоҳ дорад. Вазифаи шаръии ӯ нест, ки онро ба тамом харид ва ба шакли ашё ва дигар лавозими зиндагӣ ба хонаи шавҳар баргардонад.

Бинобар ин, зан метавонад аз шавҳар маҳри мисли худро ба тартибе, ки баён хоҳад шуд, бигирад. Аз ин рӯ, агар занеро бе ин ки зикре аз маҳр ба миён ояд, ё шарт гузошта шавад, ки барои вай маҳре набошад, бо марде ба никоҳ доданд, никоҳ ҷоиз аст, вале пас аз духул бароят маҳри мисл воҷиб мешавад.

2. Агар барои зане камтар аз миқдори ҳафт мисқол нуқра маҳр буриданд, ҳамон ҳафт мисқол нуқра, ки камтарин миқдори маҳр аст, воҷиб мегардад. Бештарин миқдори маҳр дар дастуроти шариат муайян нагардидааст.

3. Пас аз ақди никоҳ ҳамин ки мард бо зани худ ҳамбистар гардид ё миёни эшон хилвати саҳеҳа анҷом гирифт ва ба дунболи он занро талоқ дод ё шавҳар аз дунё даргузашт, дар ин ду сурат тамоми маҳр бояд ба зан пардохта шавад.

4. Хилвати саҳеҳа он аст, ки пас аз ақди саҳеҳ мард бо ҳамсараш дар ҷои танҳое бо ҳам ҷамъ оянд ва ғайр аз онҳо шахси дигаре ҳузур надошта бошад ва ҳамчунин ҳеҷ монеъе аз ҳамбистар шуданашон вуҷуд надошта бошад. Инро хилвати саҳеҳа меноманд ва он дар баъзе аҳком – такмили маҳр ва вуҷуби идда – ҳукми ватӣ (ҳамбистар шудан)-ро дорад. Пас бо сурат гирифтани хилвати саҳеҳа ба мисли ҳамбистар шудан тамоми маҳр лозим мегардад.

[1] Сураи Нисо, 4: 4.

[2] Сураи Нисо, 4: 4. Баргирифта аз Тафсири навини Қуръони карим зимни тафсири ҳамин ояти сураи Нисо.

5. Дар сурате ки ба ҳангоми хилват яке аз ҳамсарон (мард ва ё зан) бемор бошад ё рӯзаи моҳи Рамазон дошта бошад ё яке барои ҳаҷҷу умра эҳром баста бошад ё зан дар ҳолати ҳайз буда ва ё монеъи дигаре вуҷуд дошта бошад, ин хилват саҳеҳа ба шумор намеояд. Агар пас аз ин хилвати нопурра талоқ воқеъ шавад, барои зан нисфи маҳр лозим мегардад.

Зеро ин талоқ талоқи пеш аз ҳамбистарӣ ба шумор меравад ва дар талоқи пеш аз ҳамбистарӣ пардохти нисфи маҳри муайянгардида бар мард вочиб мешавад. Худованд мефармояд:

وَإِن طَلَّقْتُمُوهُنَّ مِن قَبْلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ

وَقَدْ فَرَضْتُمْ لَهُنَّ فَرِيضَةً فَنِصْفُ مَا فَرَضْتُمْ

«Ва агар онҳоро пеш аз ҳамбистарӣ ва даст расонидан талоқ намоед ва ин дар ҳоле бошад, ки барои онҳо маҳре муайян намуда бошед, пас нисфи он (маҳре)-ро, ки муайян намудаед, (пардохт намо-ед)».[1]

6. Аммо агар яке аз ҷуфтҳо рӯзаи нафлӣ ё қазоӣ ва ё назрӣ дошта бошад, хилват саҳеҳа (пурра) ҳисоб мегардад.

7. Мардеро андоми ниҳон қатъ шуда бошад ва ё сустандом бошад, ки қудрати ҳамбистарӣ бо занро надошта бошад, агар бо ҳамсари худ хилват намояд, хилвати онҳо саҳеҳа (пурра) ба шумор меояд. Дар сурате баъд аз он талоқе воқеъ шавад, тамоми маҳр лозим мегардад ва идда ҳам лозим меояд.

8. Хилват миёни зану шавҳар сурат гирад, вале яке аз онҳо ба қадре хурдсол бошад, ки наметавонад бо занаш ҳамбистарӣ намояд ё бо вай ҳамбистарӣ сурат гирад, ин хилват саҳеҳа ба шумор намеравад ва бо воқеъ шудани ҷудоӣ пардохти нисфи маҳр лозим меояд.

9. Дар сурате ки марду зан бо никоҳи фосид (нодуруст) ба ҳам ақд баста бошанд, ба монанди зане, ки дар ҳолати идда ба марди дигаре ба шавҳар баромадааст ё ақд миёни онҳо бе ҳузури шоҳидон сурат гирифта бошад, дар чунин ҳолатҳо пеш аз он ки бо ҳам ҳамбистар шаванд, ҷудоӣ афтод, ҳеҷ чизе аз маҳри муқарраргардида лозим намегардад, бо вуҷуди он ки хилвати саҳеҳа анҷом гирифта бошад.

Аммо агар пас аз ҳамбистар шудан ҷудоӣ воқеъ шавад, барои зан маҳри мисл лозим мегардад. Агар маҳри буридаашон камтар аз маҳри мисл бошад, ҳамон маҳри бо ҳам иттифоқ кардаашон лозим мегардад.

10. Шахсе иштибоҳан бо зане ба гумони ин ки аёли худаш мебошад, ҳамбистар шавад, пас аз он маълум гардад, ки зани дигар кас будааст, бояд ба он зан маҳр бидиҳад ва то гузаштани иддааш набояд шавҳараш бо вай ҳамбистар шавад. Ва чун ин кор иштибоҳан сурат гирифтааст, онро дар истилоҳи фақеҳон ватйи бо шубҳа мегӯянд ва марду зан дар он гунаҳкор маҳсуб намегарданд ва ҳадди зино низ бар онҳо барпо дошта намешавад.

11. Зан метавонад барои ба даст овардани маҳри муъаҷҷали (маҳре, ки фавран бояд пардохта шавад) худ, ки дар урфи мардум онро пешпардохт меноманд, аз ҳамбистар шудан ва ба шаҳру рустои шавҳар рафтан имтиноъ варзад. Агар боре ҳам ҳамбистар шуда бошад, дар маротиби баъдӣ метавонад аз он худдорӣ намояд.

Пеш аз пардохтани маҳри муъаҷҷал шавҳар наметавонад аз ба сафар баромадани зан бо маҳрамҳои дигараш ва аз дидори хешовандонаш мумониат варзад. Вале пас аз пардохти маҳри муъаҷҷал зан бе узри шаръие дигар наметавонад ба чунин иқдомоти мустақилона ва тасарруфҳои озод даст занад. Мард бошад, бо тайи ин марҳала тамоми салоҳиятҳои шавҳарияш пурра ва мукаммал мегарданд.

12. Агар ҳангоми ақди никоҳ сухане аз маҳр ба миён наомада бошад, ё шарт гузоштанд, ки зан маҳре надошта бошад, дар ҳар ду сурат маҳри мисл вочиб мегардад. Дар ин сурат, агар пеш аз анҷом гирифтани ҳамбистарӣ ё хилвати саҳеҳа, ҷудоӣ ва талоқе пеш омад, мард бояд ба зан мутъае (туҳфае) пардохт намояд. Ин мутъа ба ивази маҳр буда, аз чодар (рӯймол), зерҷома, пероҳан ва шолчае иборат мебошад.

Дар додани мутъа (сарулибос) ба зан вазъи молии мард ба эътибор гирифта мешавад. Агар мард сарватманд бошад, сару либоси боарзиштаре ва агар миёнаҳол бошад, сару либоси миёнаҳолона, вале агар фақиру мустаманд бошад, ҳадяи фақиронае вочиб мебошад.

13. Вақти бастани ақд маҳре таъйин накарданд, вале пас аз ба хона овардани зан бо ризо-

[1] Сураи Бақара, 2: 237.

яти якдигар маблағе ба унвони маҳр муқаррар намуданд, маҳри муқаррар сохтаашон воҷиб мегардад.

14. Пас аз ақд, агар бо ризояти якдигар бар миқдори маҳри муайянсохтаашон чизе афзуданд, он ҳам лозим мегардад ва дар сурате ки пеш аз анҷом гирифтани ҳамбистарӣ ва ё хилвати саҳеҳа миёнашон ҷудоӣ афтод, нисфи маҳри аслӣ лозим мегардад.

15. Агар зан бо майлу рағбати худ тамоми маҳр ё миқдоре аз маҳрро ба шавҳараш бахшад, ҷоиз аст, вале агар шавҳар ӯро ба бахшидани маҳраш маҷбур созад ва зан ҳам ноилоҷ онро бахшад, бахшида ба ҳисоб намеояд.

16. Агар барои маҳр замине ё хонае ва ё боғеро муқаррар намоянд, айни онҳо маҳр қарор мегирад ва шавҳар наметавонад ба ҷои худи онҳо қимати онҳоро пардохт намояд.

17. Агар барои маҳр чанд асп ё чанд гӯсфанд ва ё чанд гов муқаррар карданд, ҷоиз аст ва бояд чорвои миёна ба маҳр дода шавад.

18. Агар чанд саршумор гӯсфанди муайянеро муқаррар намуданд, ҷоиз аст ва шавҳар метавонад айни ҳамон гӯсфандонро ё ғайри онҳоро маҳр диҳад.

19. Мард вақте ба зан гуфт: *«Чанд ҳайвоне маҳр хоҳам дод»* ва навъи онро муайян накард, ҷоиз нест. Дар ин сурат маҳри мисл лозим мегардад.

20. Роҳу расм ва урфу одати мардуми ҳар сарзамин фарқ мекунад. Ҳар ҷоеро расм бар ин бошад, ки маҳрро аввал бипардозанд, зан метавонад дар нахустин марҳалаҳои заношӯӣ маҳри худро дархост намояд. Агар дар ин фурсатҳои аввалин дархост накард, пас ҳар гоҳ, ки моил бошад, метавонад онро талаб намояд, шавҳар низ ногузир аст, онро бипардозад. Агар расми сарзамине ин бошад, ки пас аз талоқ ё аз дунё гузаштани шавҳар маҳрро талаб намоянд, зан наметавонад пеш аз он маҳрро дархост намояд.

21. Агар мард ба нияти адои бахше (ҷузъе) аз маҳр чизе ба зан диҳад, ба ҳамон андоза аз маҳр пардохта ҳисоб мегардад, хоҳ зан аз ҷараёни мавзӯъ огоҳ бошад ё не. Ба шарте зан он чизро ба унвони табарруъ (хайр) ва эҳсон пазируфт, вале мард онро ҷузъи маҳр ба шумор овард, бояд бубинанд: агар чизе хӯрданӣ ва нӯшиданӣ (яъне, тез табоҳшаванда) аст, даъвои зан дуруст мебошад, вале агар ғайри ин бошад, даъвои мард саҳеҳ аст ва бахше аз маҳр ба ҳисоб меояд.

22. Марди озоде занеро ба ин шарт издивоҷ намояд, ки чанд вақте ба унвони маҳр барои вай хидмат кунад ё ӯро Қуръон биомӯзад, ақд ҷоиз аст. Аммо дар ин суратҳо барои зан маҳри мисл воҷиб мешавад**.**

23. Мард занеро бо маҳри муайян ба никоҳи худ даровард, зан бошад, маблағи маҳрашро қабз (дарёфт) намуда, онро ба шавҳараш бахшид ва иттифоқан ба дунболи ин муомила ва пеш аз он ки бо ҳам ҳамбистар шаванд, миёни эшон ҷудоӣ афтод, мард нисфи он маҳрро аз зан мегирад. Зеро зане, ки маҳраш муайян гардида ва пеш аз ҳамбистарӣ талоқ шудааст, бар шавҳар пардохти нисфи маҳр воҷиб мебошад.

24. Агар мард занеро бо маҳри муайян ва бо ин шарт ба никоҳи худ даровард, ки ӯро аз фалон шаҳр берун набарад, ё ба ғайр аз ӯ зани дигаре нагирад, вақте мард ба аҳди худ вафо кард, маҳри зан ҳамон маблағи муайянгардида мебошад, вале агар ба аҳдаш вафо накард, барои зан маҳри мисл лозим мегардад.

МАҲРИ МИСЛ

Маҳри мисл иборат аз маҳре аст, ки барои духтар ва зане аз қавми падари ба шавҳарбароянда дода шудааст, ба шарте ки он духтар аз назари синну сол, ҳусну ҷамол, молу манол, ақлу хирад, диёнату тақво, ҷои будубош, замон, духтар (бикр) будан ё набудан ва саводнокию бесаводӣ бо шавҳаркунанда баробар бошад. Бо муқоиса ба ҳамназири худ барояш маҳр бурида мешавад.

Манзур аз қавми падар, хоҳарҳо, аммаҳо, духтари аммаҳо ва агар модару холааш аз қавми падараш бошанд, модару холаҳо ва духтарони холаҳо мебошад. Вале агар модару холааш аз қавми дигаре бошанд, онҳоро мисл ба шумор оварда намешавад ва маҳрашро ба маҳри онҳо муқоиса карда намешавад.

НИКОҲИ ШИҒОР

Марде духтар ва ё хоҳари худро ба никоҳи марди дигаре ба шарти ин диҳад, ки ӯ низ духтар ва ё хоҳари худро ба қайди никоҳи вай

дароварад ва ҳар яке аз ду ақд ба ивази ақди дигар бошад, ҳар ду ақд ҷоиз аст. Инро аз назари шариат никоҳи шиғор меноманд ва барои ҳар ду зан маҳри мисл воҷиб мешавад. Зеро бо воҷиб гардонидани маҳри мисл онҳо никоҳи мустақил мегарданд ва дигар дар ивази якдигар боқӣ намемонанд.

Вале дар дигар мазҳабҳои аҳли суннат ин гуна ақди никоҳ нодуруст аст. Дар мазҳаби ҳанафӣ низ ин гуна ақди никоҳ бо ҳамон асли худ нодуруст аст, вале пас аз воҷиб гардонидани маҳри мисл, ки муҳтавои аслии он тағйир мехӯрад, дуруст мегардад.

Он чи дар китобҳои «Сиҳоҳи ситта» дар бораи никоҳи шиғор омадааст, бо сароҳат ба ҳамин мавқеи бузургони аҳноф далолат менамояд. Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) *«аз никоҳи шиғор наҳй намуд ва шиғор он аст, ки марде духтарашро ба никоҳи касе дароварад, ба шарте ӯ низ духтарашро ба никоҳи вай дароварад ва дар байнашон маҳре набошад»*.[1]

Чӣ тавре мушоҳида менамоем, дини ислом барои қишри занон пойгоҳи ҳуқуқии пойдор, ҷойгоҳи иҷтимоии муносиб ва арзишҳои маънавии бемонандеро ба вуҷуд овардааст ва онҳоро ҳамаҷониба мавриди ҳимояи қонун қарор додааст, то ба зӯр ҳамчун мол мавриди муомила қарор нагиранд ва низ бо ҳар гуна шиъорҳои фиребандае, ба монанди баробарии марду зан ва ҳифзи озодиҳои ҳуқуқии занон бозичаи дасти ҳавасронон ва тамаъҷӯён қарор нагиранд.

НИКОҲ БАРОИ ҲАЛОЛА

Он ақди никоҳе мебошад, ки бо мақсади ҳалол гардонидани зани сеталоқа барои шавҳари аввалаш баста мешавад. Сурати он чунин аст, ки сарпарастони зан ва мутасаддиёни кор бо марде қаблан маслиҳат мекунанд ва ё бе маслиҳати пешакӣ занеро, ки аз шавҳари пешинааш се талоқ шудааст, ба никоҳи марде медароранд ва пас аз як шаб ва ё чанд муддате он мард ӯро талоқ мекунад ва ё мутасаддиёни кор талоқи ӯро аз он мард талаб мекунанд. Ба ҳар ҳол, ин никоҳ бо мақсади ҳалол гардонидани зан барои шавҳари аввалаш сурат мегирад.

Аз назари пешвоёни киром ва машоихи мазҳаби ҳанафӣ ин никоҳ макрӯҳи таҳримӣ мебошад, вале бо вуҷуди макрӯҳ ва ноҷоиз будани ин равиши ҳалолгардонӣ зан барои шавҳари аввалаш ҳалол мегардад.

Аммо аз дидгоҳи бузургони мазҳаби шофеъӣ, агар дар ҷараёни бастани ақди никоҳ мақсади худро ошкор нагӯянд, никоҳ дуруст мегардад ва ҳеҷ гуна кароҳияте надорад, ҳарчанд ба сурати пинҳонӣ ва дар пушти парда дар бораи он ба тавофуқ расида бошанд. Нияти нодуруст ва чунин мақсадгузории онҳо ба Худо ҳавола мешавад. Вале агар он мақсадро дар ҷараёни бастани ақд бо сароҳат ба миён гузоранд ва бо ҳамон мақсад ақд баста шавад, он қатъан ҳаром аст.

Ба ҳар ҳол, он аз назари тамоми пешвоёни дин кори манфур ва нохуше мебошад. Ривоят шудааст, ки расули Худо (с) *«ҳалолагар ва он мардеро, ки барои вай ҳалола мешавад, ҳар дуро лаънат кардааст»*.[2]

Равиши табиӣ ва тариқи шаръии ҳалол гаштани зани сеталоқа барои шавҳари аввалааш он аст, ки зан ба таври машрӯъ ба шавҳар бароя ва бо он мард зиндагӣ намояд. Пас аз он, агар дар натиҷаи пешомаде аз шавҳари дуюмаш ҷудо гардад, он гоҳ барои шавҳари аввалааш ҳалол мегардад. Қуръони карим бо сароҳат дар ин бора мефармояд:

فَإِن طَلَّقَهَا فَلَا تَحِلُّ لَهُۥ مِنۢ بَعْدُ حَتَّىٰ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُۥ ۗ

فَإِن طَلَّقَهَا فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِمَآ أَن يَتَرَاجَعَآ

«Агар мард занашро се талоқ намояд, пас аз он барояш ҳалол намебошад, то он ки шавҳари дигаре намояд. Пас, агар он шавҳар (-и дуюмаш) ӯро талоқ намояд, бар онҳо (зан ва шавҳари аввалааш) гуноҳе нест, агар ба сӯи якдигар баргарданд…».[3]

Бар асоси ин ояти карима дар ҳалол гаштани зани сеталоқа барои шавҳари аввалаш пайи ҳам ва ба тартиб амалӣ гардидани панҷ амр шаръан шарт ва зарур аст: 1. Иддаи он зан аз шавҳари аввалаш сипарӣ шавад; 2. бо никоҳи

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 5112, 6960; Саҳеҳи Муслим, 3450 (1415)-57; Сунани Абудовуд, 2074; Сунани Тирмизӣ, 1124; Сунани Насоӣ, 3337; Сунани Ибни Моҷа, 1883.

[2] Сунани Абудовуд, 2076, 2077; Сунани Тирмизӣ, 1119, 1120; Сунани Насоӣ, 3416.

[3] Сураи Бақара, 2: 230.

саҳеҳ ба шахси дигаре ба шавҳар барояд; 3. шавҳари нав бо вай духул, яъне ҳамхобагӣ намояд; 4. бо ягон сабабе шавҳари дуюм ӯро талоқ намояд ва ё вафот намояд; 5. пас аз он иддаи талоқ ва ё вафотро бигузаронад.

Зани сеталоқа то ин панҷ ҳукми шаръиро ба тартиб ва зина ба зина аз сар нагузаронад, ба ҳеҷ ваҷҳ барои шавҳари аввалаш ҳалол намегардад.

НАВЪҲОИ НИКОҲ

Никоҳ бар асоси шартҳо ва шароите, ки аз сӯи машоихи мазҳаби ҳанафӣ барои он дар назар гирифта шудаанд, бар панҷ навъ аст: а) никоҳи саҳеҳ, б) никоҳи саҳеҳи қобили фасх, в) никоҳи мавқуф, г) никоҳи фосид, д) никоҳи ботил.

НИКОҲИ САҲЕҲ

Никоҳи саҳеҳ он аст, ки рукни ақд ва тамоми шартҳои инъиқод, сиҳат, лузум ва нофиз гардидан дар он ба таври комил таҳаққуқ ёфта бошанд. Рукни никоҳ дар назди бузургони мазҳаб баста шудани ақд бо лафзи иҷоб ва қабул аст. Аммо шартҳои никоҳ бар чаҳор навъанд: а) шартҳои инъиқод, б) шартҳои сиҳат, в) шартҳои лузум ва г) шартҳои нофиз гардидани ақд.

1. Шартҳои инъиқод аз он шартҳое иборатанд, ки дар таҳдоби рукн ва тарафҳои ақд – мард ва зан – ҳангоми баста шудани ақд фароҳам омада бошанд ва бо тахаллуф ва фақди яке аз онҳо ақд ботил мегардад. Барои инъиқоди никоҳ бояд ду шарт дар тарафҳои ақд – марду зан ва умуман, шахси оқид (мутасаддии ақд) вуҷуд дошта бошад:

а) Аҳлияти тасарруф. Марду зан вақте ақди никоҳро худ ва ё ба воситаи вакил анҷом диҳанд, бояд барои ин кор дорои камоли аҳлият бошанд. Камоли аҳлият барои тасарруф дар амри никоҳ аз доштани ақл иборат аст. Бинобар ин, агар шахси девона ва ё кӯдаке пеш аз синни тамйиз барои худ ақди никоҳ банданд, он мунъақид намегардад. Ҳамчунин тавкил ва тазвиҷи онҳо ботил аст ва мунъақид намегардад.

б) Шунидани шоҳидон каломи завҷайнро – дар вақти бастани ақд, то ризои онҳо бо сароҳат собит шавад. Шунидани каломи онҳо ҳукман низ ҷоиз аст, ҳамон гуна ки дар ирсоли нома ба зан сурат мегирад.

Барои инъиқоди ақди никоҳ ҳамчунин бояд ду шарт дар зан вуҷуд дошта бошад: яке он ки дар ҳақиқат зан бошад ва хунсои мушкил набошад, дуюм он ки маҳаллияти ақд дар вай собит бошад, яъне аз ҷумлаи маҳрамҳои мард, зани шавҳардор ва ё дар ҳолати идда аз талоқи раҷъӣ набошад. Зеро маҳаллият дар маҳрамҳо ба таври абадӣ ва дар ду сурати охир муваққатан аз байн рафтааст ва ақди никоҳ дар чунин мавридҳо ботил аст.[1]

Дар худи ақд – иҷоб ва қабул – чаҳор чиз шарт аст: а) иттиҳоди маҷлиси ақд, агар ҳар ду ҷониб дар он ҳозир бошанд, б) қабул бо иҷоб мутобиқат дошта бошад, в) иҷобкунанда то қабули ҷониби дигар бар иҷоби худ боқӣ монад, г) ақд ба сурат танҷиз (дарҳолӣ) анҷом дода шавад.

Агар яке аз ин шартҳо дар эҷоди ақд – иҷоб ва қабул – мавҷуд набошад, ақд аслан мунъақид (баста) намегардад. Мас., агар дар маҷлисе, ки зан иҷоб кардааст – тану нафси худро бахшидааст, мард онро қабул накунад, ақд ҳосил намешавад, агар қабул бо иҷоб мутобиқат надошта бошад, ба ин тариқ ки падар ва ё вакили зан бигӯяд: Фотима духтари фалониро ба ақди никоҳи ту даровардам ва мард бигӯяд: Тану нафси Зайнабро қабул кардам, он ақд мунъақид намегардад, агар зан пеш аз қабули мард аз иҷоби худ баргардад, ҷое барои қабул боқӣ наемонад ва агар он ба оянда изофа шавад ва ё ба шарте дар оянда муаллақ гардад, ба ин тариқ ки бигӯяд: Туро фардо ба никоҳи худ медарорам ва ё ҳамин ки фалонӣ омад, туро ба никоҳи худ медарорам, ақде баста намегардад. Зеро ақди никоҳ бар асоси муқаррароти шаръ бояд ба сурати танҷиз анҷом дода шавад.

Қонуни аҳволи шахсии Сурия дар моддаи 13 ба ҳамин чиз ишора кардааст: «Никоҳе, ки ба замони мустақбал (оянда) изофа шуда ва (ё) ба шарти ғайри мутаҳаққиқе вобаста шуда бошад, мунъақид намегардад».[2]

Дар моддаи (11) қонуни аҳволи шахсии Сурия дар бораи чаҳор шарти инъиқоди ни-

[1] Дар бораи никоҳ бо маҳрамҳо дар байни машоихи мазҳаб ду назар вуҷуд дорад: яке фосид ва дигаре ботил будани он аст ва қавли роҷеҳ дар мазҳаб ботил будани он аст.

[2] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 65.

коҳ омадааст:

1. Маҷлиси иҷоб ва қабул (бастани ақд) муттаҳид – як бошад.

2. Иҷоб ва қабул аз тамоми ваҷҳҳо бо ҳам мутобиқ бошанд.

3. Ҳар кадоме аз ақдкунандаҳо каломи (ҷониби) дигарро бишунавад ва бифаҳмад.

4. Аз ҳеҷ кадоме аз тарафайни ақд пеш аз қабул чизе ба вуҷуд наояд, ки иҷобро ботил созад, ба ин тариқ ки иҷобкунанда пеш аз қабули тарафи дигар аз иҷобаш баргардад.[1]

2. Шартҳои сиҳати никоҳ он шартҳое мебошанд, ки бо фароҳам омадани онҳо осори шаръии никоҳ собит мешаванд ва онҳо се чиз ҳастанд: а) фориғ будани маҳал – зан аз монеаҳо ва ё маҳрамҳои муваққатӣ, б) сиғаи иҷоб ва қабул ифодакунандаи ақд ба таври абадӣ бошанд, на муваққатӣ, в) ҳузури шоҳидон.

Вақте шарти фориғ будани маҳал аз монеаҳои муваққатӣ фароҳам набошад, ба монанди никоҳи зане, ки дар иддаи талоқи боин қарор дорад, ҷамъи байни ду хоҳар ва ғайра, ё сиғаи иҷоб ва қабул ифодаи никоҳи муваққатро намояд ва ё ақд бе ҳузури шоҳидон баста шавад, никоҳ дар тамоми ин ҳолатҳо фосид аст.

3. Шартҳои лузум аз он шартҳое иборатанд, ки идома ва бақои ақд ба онҳо вобаста аст ва вақте яке аз онҳо мавҷуд набошад, лузумият (истимрори амалӣ ва бақо)-и ақдро хатар (эҳтимол)-и нақз таҳдид менамояд. Маънои лузумияти ақд он аст, ки ҳеҷ кадоме аз ҷонибҳо – марду зан – ва ё ғайри онҳо ҳаққи фасхи онро пас аз инъиқод надошта бошад, яъне ҳаққи хиёр ва талаби ҷудоӣ дар он вуҷуд надошта бошад. Барои лузуми ақд чаҳор шарт вуҷуд дорад:

а) Шахси мутасаддӣ ва валии амри никоҳ барои одамони фоқиди аҳлият, ба монанди девона, маътӯҳ ва писару духтари хурдсол, падар ва ё бобии онҳо бошад. Зеро ақди бастаи онҳо барои одамони фоқиди аҳлияти тасарруф илзомӣ аст ва давом ва бақои онро ҳеҷ ҳолати шаръӣ ва ҳуқуқие таҳдид намекунад.

Агар мутасаддии амри никоҳ сарпарасти дигаре ғайр аз падару бобӣ бошад, онҳо (одамони фоқиди аҳлият) пас аз пайдо кардани аҳлияти тасарруф ҳаққи фасх ва талаби ҷудоиро доранд, вале никоҳи онҳо то замони бартараф шудани монеъ ба ҳоли худ боқӣ мемонад, яъне саҳеҳ аст. Пас аз он агар ба он никоҳ эътироз оварданд, он бекор мегардад ва агар розӣ шуданд, он идома пайдо мекунад.

б) Вақте зани оқила ва болиға бе ризояти валӣ ва сарпарасташ ба шавҳар баромад, бояд мард куфв ва ҳамшаъни ӯ бошад. Агар ба нокуфве ақди никоҳ бандад, валӣ агар ба он розӣ набошад, метавонад, аз додгоҳ ҷудоии ӯро талаб кунад.

в) Вақте зани оқила ва болиға бе ризояти валӣ ба шавҳар барояд, бояд барои худ маҳри муносибе муайян созад. Агар бо маҳри камтар аз мисл ба шавҳар барояд, валӣ ва сарпарасташ ҳаққи талаби маҳри изофӣ ва ё ҷудоии ӯро аз додгоҳ дорад.

г) Мард аз айбҳои ҷабб, унна ва хасо солим бошад.

Никоҳе, ки дар он рукни никоҳ ва тамоми шартҳои инъиқод, сиҳҳат ва нофиз гардидани ақд фароҳам омада бошанд, вале дар он яке аз шартҳои лузум вуҷуд надошта бошад, он никоҳи саҳеҳ, вале фоқиди илзомият аст. Ин никоҳ ақди саҳеҳ ва нофиз аст, вале то замони иҷозат ва таъйиди шахси соҳибҳақ ҳамчунон қобили фасх ва ғайриилзомӣ боқӣ мемонад. Ба ин маъно, ки он ба иҷозати шахси соҳибҳақ ва ё каси дигаре мавқуф нест, вале қобили фасх аст.

4. Шартҳои нофиз гардидани ақд аз он шартҳое иборатанд, ки пас аз фароҳам омадани онҳо осори амалии ақди саҳеҳ нофиз ва ҷорӣ мегарданд. Барои нофиз гардидани ақди никоҳ се шарт вуҷуд дорад:

а) Марду зан вақте ақди никоҳро худ ва ё ба воситаи вакил анҷом диҳанд, бояд барои ин кор аз ҷиҳати синну соли балоғат ва озодӣ дорои аҳлияти ҳуқуқӣ бошанд. Пас ақде, ки аз сӯи онҳо бо доштани аҳлияти ҳуқуқӣ баста мешавад, нофиз мебошад ва тамоми осори шаръӣ, ба монанди ҳалол гардидани духул, вуҷуби маҳр ва ғайра, дар он собит мешаванд.

Бинобар ин, агар кӯдаки аҳли тамйиз пеш аз синни балоғат ва ё мамлук (ғулом)-е барои худ ақди никоҳ банданд, он фоқиди шарти нофиз гардидани ақд аст ва дар кӯдак ба иҷозати сарпараст (падар) ва дар мамлук ба иҷозати мавлояш мавқуф мебошад. Агар онҳо иҷозат диҳанд, ақд нофиз мегардад, вале агар иҷозат

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 72.

надиҳанд, ақд бекор мегардад.

б) Вакили муқайяд вақте бар хилофи салоҳиятҳои ваколаташ амал накунад ва ҳамон гуфтаи муваккилро анҷом диҳад, ақд бар шахси вакилкунанда нофиз мегардад ва дар ғайри он ба иҷозати вай мавқуф аст.

в) Мутасаддии ақди никоҳ шахси фузулӣ набошад, зеро вай вилояти тазвиҷро надорад.

Агар яке аз шартҳои нофиз гардидани ақд фароҳам набошад, ақд ба иҷозати шахси соҳибҳақ дар ин боб мавқуф аст.

Вақте ақди никоҳ бо фароҳам омадани тамоми шартҳо баста шавад, он никоҳи саҳеҳ ба шумор рафта, аҳком ва осори шашгона барои завҷайн собит мегарданд: а) вуҷуби маҳр; б) нафақаи зан; в) вуҷуби мутобиати зан аз мард; г) ҳаққи меросбарии онҳо аз якдигар; ғ) насаби фарзандон; д) ҳурмати мусоҳарат. Қонуни аҳволи шахсии Сурия дар моддаи (47) ба аҳком ва осоре, ки аз никоҳи саҳеҳ собит мегарданд, ишора намудааст:

«Дар никоҳи саҳеҳи нофиз тамоми осоре, ки ба ҳуқуқҳои заношавҳарӣ, ба монанди: вуҷуби маҳр, нафақаи зан, вуҷуби мутобиат, меросбарии завҷайн ва ё ба ҳуқуқҳои оилавӣ, ба монанди: насаби фарзандон ва ҳурмати мусоҳарат, бастагӣ доранд, собит мегардаднд».[1]

НИКОҲИ ФОСИД ВА БОТИЛ

1. ***Никоҳи фосид.*** Агар дар никоҳ яке аз шартҳои дуруст гардидани ақд фароҳам наомада бошад, он никоҳи фосид ба шумор меравад, ба монанди ақде, ки бе ҳузури шоҳидон баста шуда, никоҳи муваққат, никоҳи ду хоҳар дар як вақт, никоҳи хоҳар қабл аз поёни иддаи хоҳари талоқгаштааш, никоҳи зани шахси дигар, ба шарте аз шавҳардор будани вай бохабар набошад, никоҳи зане, ки аз талоқи шавҳари қаблиаш дар идда бошад ва ғайра.

Дар никоҳи фосид, ҳеҷ ҳукм ва осоре аз заношавҳарӣ собит намегардад: на духул ва ҳамбистарӣ барояшон ҳалол мегардад, на маҳр ва нафақае барои зан воҷиб мегардад, на иддае пас аз ҷудо гаштан бар вай воҷиб мешавад, на ҳурмати домодӣ ва мусоҳарат дар он собит мешавад, на насаби кӯдак собит мешавад ва на ҳаққи меросбарӣ дар миёнашон собит мегардад. Ин дар суратест, ки онҳо пеш аз ҳамбистарӣ ҷудо шаванд.

Агар пас аз баста шудани никоҳи фосид бо зан ҳамбистарӣ намояд, бо вуҷуди он ки маъсият аст, вале баъзе аҳкоми фиқҳӣ ва осори иҷтимоӣ ба сабаби он собит мешавад: **а)** маҳри мисл воҷиб мегардад, **б)** насаби тифле, ки аз он никоҳ ба дунё меояд, аз мард собит мешавад, **в)** пас аз ҷудо гаштан бар зан ба муддати се ҳайз поидани идда воҷиб мегардад, г) ҳурмати мусоҳарат дар байни мард ва усул ва фурӯъи зан, ба ҳамон тартибе, ки дар фасли маҳрамҳо дар бораи зино зикр шудааст, собит мешавад.

Насаби фарзанд, ҳамон гуна ки дар никоҳи саҳеҳ аз мард собит мешавад, дар никоҳи фосид ва ватйи бо шубҳа низ собит мешавад.[2] Барои субути фарзанд дар никоҳи фосид се шарт вуҷуд дорад: а) мард болиғ ва ё муроҳиқ бошад, то тасаввури анҷоми ҳамбистарӣ ва бордоркунӣ дар ҳаққи вай дуруст ояд, б) духул амалан сурат гирифта бошад, анҷоми хилвати саҳеҳа барои субути насаб дар никоҳи фосид кофӣ нест, в) зан пас аз шаш моҳ ва ё бештар аз он аз таърихи духул фарзанд ёбад.

Дар никоҳи фосид аҳком ва осори дигаре, ғайр аз инҳо, пас аз ҳамбистарӣ ҳам собит намешавад ва бар онҳо ба сабаби вуҷуд доштани шубҳа ҳадди зино низ барпо дошта намешавад. Ба ҳар ҳол, бояд ҳатман аз ҳам ҷудо шаванд, то аз гуноҳ берун оянд. Ҳар кадоми онҳо бе ҳузури ҷониби дигар ҳам метавонад онро фасх (ҷудо) созад. Агар худашон ҷудо нагарданд, бояд додгоҳ онҳоро аз ҳам ҷудо созад.

Никоҳи муваққат (мутъа) дар баъзе мутуни фиқҳӣ, аз қабили Ҳидоя, аз назари ҳукмӣ ботил дониста шудааст, вале дар Дурр онро фосид гуфтааст. Агар пас аз он духул сурат гирад, аҳкоми никоҳи фосид, ба монанди вуҷуби идда бар зан, дар он собит мешавад.[3]

Ин ҷудоӣ фасх аст ва бояд бо сухан ва ифодаи забонӣ анҷом дода шавад, мас., ба вай бигӯяд: Туро раҳо кардам ва ё туро тарк намудам. Тарк намудан ва ба пеши якдигар наомадан, бе ифодаи он ба сухан, фасх ба шумор намеравад.

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 104.

[2] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 309; Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 329: Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 235.

[3] Радду-л-муҳтор бар Дур. – Ҷ. 5. – С. 186.

Дар моддаи 51 қонуни аҳволи шахсии Сурия дар бораи ҳукми никоҳи фосид омадааст:

1. Никоҳи фосид пеш аз духул дар ҳукми ботил аст.

2. Дар никоҳи фосид бо ватӣ (духул) натиҷаҳо (ва осор)-и зерин собит мешаванд: а) маҳр дар поёнтарин ҳадди маҳри мисл ва маҳри мусаммо, б) насаби фарзандон бо ҳамон натиҷаҳое, ки дар моддаи (133) ҳамин қонун пешбинӣ шудаанд, в) ҳурмати мусоҳарат, г) иддаи ҷудоӣ дар ҳар ду ҳолати ҷудоӣ ва ё марги шавҳар ва ғ) нафақаи зан дар муддати идда, бе субути ҳаққи меросбарӣ дар миёни онҳо.[1]

2. ***Никоҳи ботил.*** Агар дар бастани ақд рукни никоҳ – баста шудани ақд бо иҷоб ва қабул – таҳаққуқ наёфта бошад ва ё дар яке аз шартҳои инъиқод (бастан)-и он халале ворид шуда бошад, он аз асл ботил ба шумор меравад. Никоҳи кӯдаки ба синни тамйиз (рушди фикрӣ) нарасида, никоҳ бо сиғаи феъли музориъ (оянда), издивоҷ бо маҳрамҳо, ба монанди хоҳар, амма, хола ва ғайра, издивоҷ бо зани шавҳардор, агар аз оиладор будани вай бохабар бошад, никоҳ бо занони ғайрикитобӣ: оташпарастон, бутпарастон, говпарастон, мулҳидон (бединон) ва ғайра ва никоҳи зани мусулмон бо марди ғайримусулмон аз ҷумлаи никоҳҳои ботил ҳастанд.

Ҳукми никоҳи ботил он аст, ки бар асоси он ҳеҷ гуна аҳком ва осори заношавҳарие, аз қабили ҳаққи ҳамбистарӣ, маҳру нафақа барои зан, идда пас аз ҷудоӣ бар вай, ҳукми мусоҳарат ва ҳаққи меросбарӣ дар байни онҳо, ҳатто пас аз духул ҳам, собит намегарданд.

Гуфтанист, ки никоҳи маҳрамҳо, агар мард ҳаром будани онро бидонад, назди имом Абуҳанифа (рҳ) фосид ва назди Имомайн ботил аст.[2]

Назди Соҳибайн (Абуюсуф ва Муҳаммад) агар бо маҳрамҳо дар никоҳи ботил ҳамбистар шавад, бар вай ҳад воҷиб мешавад. Ҳамчунин дар никоҳи зани шавҳардор ва зани дар идда аз марди дигар, агар аз ҳаром будани он бохабар бошад, бар вай ҳад воҷиб мешавад.[3]

Дар моддаи (50) қонуни аҳволи шахсии Сурия дар бораи ҳукми никоҳи ботил омадааст: Дар никоҳи ботил чизе аз осори никоҳи саҳеҳ собит намешавад, ҳарчанд дар он духул сурат гирифта бошад.

Дар банди 2 моддаи 48 ин қонун омадааст: Никоҳи зани мусулмон бо ғайри мусулмон ботил аст.[4]

НИКОҲИ МАВҚУФ

Никоҳе, ки фоқиди яке аз шартҳои лузум ва ё нофиз гардидани ақд буда, ба иҷозат ва таъйиди шахс вобаста ва мавқул бошад, онро никоҳи мавқуф мегӯянд. Сурати он чунин аст, ки шахсеро пеш аз огаҳӣ ва пурсиш ва ё пеш аз синни булуғ ба никоҳи касе ва ё касеро ба никоҳи ӯ дароваранд. Дар ин сурат нофиз ва ҷоиз – лозимулиҷро – гардидани никоҳ ба иҷозат ва таъйиди он шахс пас аз огаҳӣ ва ё расидан ба синни балоғат мавқуф аст.

Никоҳи мавқуф аслан дар никоҳи фузулӣ, никоҳи писару духтари хурдсол ба василаи сарпарастони дигар ғайр аз падару бобӣ ва баъзан дар ваколати ба никоҳ ба амал меояд. Мас., шахси фузулие ба таври ғоибона занеро ба никоҳи марде медарорад, дар ин ҳолат никоҳ вақте эътибори шаръӣ пайдо мекунад ва нофиз мегардад, ки он зан пас аз огаҳ шудан онро иҷозат диҳат ва таъйид намояд.

Шоёни зикр аст, ки дар никоҳи мавқуф яке аз шартҳои лузум ва ё нофиз гардидани ақд таҳаққуқ наёфтааст. Бинобар ин, никоҳи мавқуф се ҳолат дорад: а) агар шахс пас аз шунидани хабари он ва ё пас аз такмили синни балоғат ва расидан ба салоҳиятҳои худ онро иҷозат диҳад ва таъйид намояд, нофиз ва ҷоиз (дуруст) мегардад, б) агар ба он эътироз оварад ва онро рад намояд, он бекор мегардад ва ҳеҷ гуна осори шаръие барои он собит намегардад, в) агар онро ҳанӯз таъйид ва ё рад нокарда, бо зан духул намояд, дар ин ҳолат дар субути тамоми аҳком, ба ҳамон тартибе, ки дар никоҳи фосид баён гардида, ҳукми никоҳи фосидро дорад.[5]

Дар моддаи (52) қонуни аҳволи шахсии Сурия дар бораи никоҳи мавқуф пеш аз иҷозат омадааст: «Никоҳи мавқуф пеш аз иҷозат ҳукми никоҳи фосидро дорад».[6]

---

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 118.

[2] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 288; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 199.

[3] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 118.

[4] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 7. – С. 118.

[5] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 199, 200.

[6] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 105.

ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ҶИНСӢ

Муоширати ҷинсӣ илова бар он, ки ниёзи фитрӣ ва хостаи табиии ҳар инсон аст, дар фарҳанги исломӣ аз ҷумлаи заруратҳои динӣ низ шинохта шуда, барои он аҳком, омӯзаҳо ва одоберо пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таълимоти исломӣ барои шаби зифоф одоб ва суннатҳое пешбинӣ шудааст, ки бо маънавиёти он ва бо фитрати поки инсонӣ ҳамсозӣ дошта, аз эҳтимоми фоиқи дини ислом ба назофати ахлоқӣ ва эҳёи салиқаи зебоишиносӣ дар замири инсон хабар медиҳанд.

Имрӯз мутаассифона, ҳампои таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва дар ғиёби барномаҳои дурусти фарҳангӣ ва чорабиниҳои динӣмаърифатӣ навиштаҳо, филмҳо, намоишҳои телевизионӣ ва таълимоти пурҳаҷм ва барномарезишудае дар заминаи фарҳанги муоширати ҷинсӣ ба сабки ғарбӣ барои ҷавонони мусулмон пешкаш шуда истодааст, ки фазои фарҳангии ҷомеаи моро олуда ва майлҳои ҷинсиро дар ҷавонон ба сурати сарсомоваре бедор менамоянд.

Дар ин ҷо ламҳае аз омӯзаҳои ахлоқӣ ва тавсияҳои исломро дар бораи фарҳанги муошират ҷинсӣ пешкаши хонандагон мегардонем, бошад, ки Худо ба шарофати он одамонеро ба роҳи дуруст ҳидоят намояд.

1. Яке аз ин суннатҳо дар шаби зифоф оростани арӯс бо пероиши мубоҳ ва дар зеботарин мазҳари ҷамол ба истиқболи шавҳар бурдани ӯ дар шаби арӯсӣ аст. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки модараш ӯро дар шаби зифоф ба назди гурӯҳе аз занони ансор бурд. Онҳо бо хайру баракат гуфта, сарамро шустанд ва маро оростанд.[1]

2. Яке аз одоби дигари шаби зифоф он аст, ки вақте мард бо арӯсаш хилват мекунад, дасташро ба пешонаи вай бигузорад ва дуо намояд: **«Аллоҳумма, иннӣ асъалука хайраҳо ва хайра мо ҷабалтаҳо ъалайҳи ва аъузу бика мин шарриҳо ва шарри мо ҷабалтаҳо ъалайҳи».**

«Бор Худоё! Ман аз Ту хайри ӯ ва хайри он чизеро, ки ӯро бар он сиришта, мехоҳам ва ба Ту аз шарри вай ва шарри он чизе, ки ӯро бар он сиришта, паноҳ мебарам».[2]

3. Суннати дигар дар шаби зифоф он аст, ки пеш аз ҳамбистарӣ вақте оҳанги висол кард, **«Бисмиллоҳ…»** гуфта, ин дуоро бихонад: **«Аллоҳумма, ҷаннибна-ш-шайтона ва ҷанниби-ш-шайтона мо разақтано».**[3]

4. Ҳамчунин хуб аст, ки мард пеш аз ҳамбистарӣ бо бозию унсҷӯӣ ва ишқварзию хушкаломӣ майли ҷинсӣ ва шаҳвати ҳамсарашро барангезад, то ҳар ду ҷониб барои комҷӯӣ омода гарданд.

5. Вақте мард пеш аз ҳамсараш ниёзи ҷинсӣ ва шаҳваташро бароварда сохт, набояд худро дарҳол канор кашад, балки хуб аст, ки аз худ каме сабру тамоюл нишон диҳад, то зан низ баҳраи худро аз он баргирад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо бо аҳлаш муҷомиат кард, (онро) бо сидқу муҳаббат анҷом диҳад. Чун ҳоҷати худро пеш аз вай бароварда сохт, ӯро ба шитоб вонадорад, то вай низ ҳоҷаташро бароварда созад».***[4]

6. Ба тариқи истиҳбоб бояд зан хирқае ба ҳамроҳ гирад, то пас аз фароғ ҷойҳои олудаи худро бо он пок намоянд. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки мегуфт: *«Зани оқила бояд хирқае ба ҳамроҳ гирад ва чун (аз муҷомиат) фориғ гаштанд, онро ба ҳамсараш диҳад ва пас аз он худро пок созад…».*[5]

7. Аз ҳусни муошрати зану шавҳар ва масъу-

---

[1] ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 112.

[2] Сунани Абудовуд, 2160.

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо зан бигирад ва ё ходиме бихарад, ин дуоро бихонад ва вақте шутуре бихарад, даст бар болои кӯҳонаш бигузорад ва ин дуоро бихонад».***

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 141, 3271, 3283, 5165, 6388, 7396; Саҳеҳи Муслим, 3519 (1434)-116.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо иродаи наздикӣ бо аҳлашро дошта бошад, агар бигӯяд: (дуои мазкур) ва дар он ҳамбистарӣ барои онҳо фарзанде ато шавад, шайтон ҳаргиз ба ӯ осебе нарасонад».***

[4] Мусаннафи Абдурраззоқ, 10468. – Ҷ. 6. – С. 85: Муснади Абуяъло, 4200. – Ҷ. 7. – С. 208; Маҷмаъу-з-завоид, 7566. – Ҷ. 4. – С. 387. Ҳайсамӣ дар Маҷмаъу-з-завоид дар бораи ин ҳадис фармудааст: Онро Абуяъло ривоят намуда, дар он номи як ровӣ зикр нашудааст ва дигар ровиёнаш сиқа ҳастанд. Аммо баъзе муҳаддисон ба сабаби маҷҳул будани он ровии тобеӣ ҳадисро заъиф гуфтаанд.

[5] Саҳеҳи Ибни Хузайма, 280. – Ҷ. 1. – С. 142; Сунани Куброи Байҳақӣ, 4235. – Ҷ. 3. – С. 407. ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 113.

лияти имонии онҳост, ки асрори заношавҳарии худро фош насозанд ва онро вирди забонҳо нагардонанд. Зеро ин кор аз як сӯ, бадзабонӣ ва носазо ба шумор меравад ва аз сӯи дигар, ба каромат ва обрӯи иҷтимоии онҳо ва дар оянда фарзандонашон таъсири манфӣ мегузорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Бадтарини мардум дар назди Худо рӯзи қиёмат марде аст, ки бо ҳамсараш наздикӣ намояд, пас аз он сирри ӯро фош созад».***[1]

8. Пас аз баста шудани ақди никоҳ барои зану шавҳар, ба ҷуз баҳрачӯии ҷинсӣ аз роҳи ақиб, дигар ҳама гуна комҷӯиҳо ва ба ҳар тарзе, ки барояшон муносиб бошад, ҷоиз аст. Дар аснои давраи ҳайз ва дар вақти нифос низ, ба ҷуз алоқаи ҷинсӣ, дигар навъҳои муошират раво аст. Қуръони карим дар оятҳои 222-223 сураи Бақара, ки дар назди муфассирон ба оятҳои «ҳайз» шинохта мешаванд, маҷмӯае аз аҳком ва одоби ҳамбистариро зикр намуда, бо таъбироти ахлоқӣ баландтарин фарҳанги муошрати ҷинсиро барои мусулмонон баён доштааст, он ҷо ки мефармояд:

«Ва туро аз ҳайз мепурсанд. Бигӯ: Он азо (палидӣ, нохушӣ ва ранҷ)-е аст, пас аз (омезиши ҷинсӣ бо) занон дар муддати ҳайз канора гиред ва ба онҳо наздикӣ нанамоед, то он ки пок гарданд! Вақте пок гаштанд, пас аз ҳамон ҷое, ки Худо ба шумо амр намуда, ба онҳо наздикӣ намоед. Худованд, ҳатман, тавбакорон ва покихоҳонро дӯст медорад. Занонатон киштзори шумоянд, пас ба киштзори худ чӣ гунае мехоҳед, биоед! Ва барои худ аз пеш фиристед ва тақвои Худоро намоед ва бидонед, ки шумо ҳатман (рӯзе) Ӯро мулоқоткунанда бошед ва муъминонро мужда бидеҳ!».

9. Зан барои ҷалби муҳаббати шавҳар хуб аст хушбӯй бизанад ва беҳтарин хушбӯй ду каф оби нимасард ва ба гуфтаи Қуръон борид (хунук ва форам)[2] аст, ки ба рӯй бар кунад. Об мояи покӣ, ангезандаи бӯи хуш, нигаҳдорандаи таровати бадан ва барои поёни тан покизагӣ ва нақо ва барои болояш ҳусну сафо аст. Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ҳангоми гусел намудани духтараш ба вай гуфт:

Аз рашк бипарҳез, ки он калиди (дари) ҷудоист!

Аз маломати бисёр дурӣ гузин, ки он душманӣ бор оварад!

Аз сурма истифода намо, ки он зеботарин зинатҳост!

Ва покизатарин хушбӯиҳо об аст!

10. Зан бояд ба ду вақт – хобу хӯри шавҳараш бештар эътино варзад, зеро бехобӣ мӯҷиби хашм ва гуруснагӣ ангезандаи он аст. Умома бинти Ҳорис ҳангоми гусел намудан ба духтараш гуфт:

Духтарам, агар зане бо молу сарвати падару модараш аз шавҳар бениёз мегашт, ҳатман он ту будӣ, вале бидон, ки занон барои мардон ва мардон барои занон офарида шудаанд!

Духтарам, акнун ту аз муҳит ва лонае, ки дар он ба камол расидай, ҷудо ва ба лонае меравӣ, ки ҳанӯз онро нашнохта ва ба пеши наздике, ки ба вай унс нагирифтай! Вай бо мулки хеш бар ту нозир ва сарпараст гардидааст. Пас хидматгори ӯ бош, то ходими наздики ту бошад ва даҳ хислатро барояш нигаҳ дор, то сармояи умри ту бошанд!

1, 2. Бо қаноат барояш фурӯтан бош ва бо дилу ҷон аз вай итоат намо!

3, 4. Мавзеъҳои чашму биниашро пайгирӣ намо, то чашмаш аз ту бар қабеҳе наафтад ва ба машомаш аз ту бӯи нохуше нарасад!

5, 6. Ба вақти хобу хӯраш бештар эътино деҳ, ки талхии хоб хашмовар ва шиддати гуруснагӣ низ хашмангез аст!

7, 8. Молашро ҳифозат ва аёлашро риоят кун! Меҳвари кор дар мол ҳусни тақдир (сарфакорӣ) ва дар аёл ҳусни тадбир аст.

9, 10. Дар ҳеҷ коре аз вай нофармонӣ ва ҳеҷ розеро аз ӯ ифшо накун! Чун сиррашро фош кардӣ, аз ғадраш эмин намонӣ! Он гоҳ агар

---

[1] Саҳеҳи Муслим, 3527 (1437)-123.

[2] Худованд Айюби паёмбар (а)-ро пас аз беморию тӯлонӣ, ки бино ба фармудаи расули Худо (с) ба муддати ҳаждаҳ сол ба дарозо кашид (Тафсири Табарӣ. – Ҷ. 8; Муснади Баззор, 2357; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 2887; Мустадраки Ҳоким, 4115), ба шустани баданаш дар оби хунук (борид) ва ба нӯшидан аз он амр кард: **«Ва бандаи Мо Айюбро ба ёд овар, вақте Парвардигорашро нидо кард, ки маро шайтон бо дарду азоб осеб расонд!** (Гуфтем)**: Заминро бо поят бизан! Ин оби хунук (барои ғусл) ва нӯшокӣ аст»** (Сод, 38: 41, 42). Аз ин фармудаи Қуръони карим ба навъе истинос (эҳсос) мешавад, ки оби хунук илова бар эҷоди нашоти ҷисмӣ, таҳрики бофтаҳо (рецепторҳо)-и асабӣ дар тамоми бадан, таъсири хуб дар гардиши хун ва фурӯ шинондани таб қобилияти шифобахшӣ ва таскини асабҳоро ҳам дорад.

ғамгин бошад, дар пешаш шодмонӣ ва агар шод бошад, дар ҳузураш ғамгинӣ накун![1]

Зан ҳамчунин барои саодати хонаводагӣ, дурнамои нек дар зиндагӣ ва маҳбубият дар назди шавҳар аз василаи дуо ва арзи ниёз ба даргоҳи Ҳақ таъоло бояд бештар баҳра гирад! Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар вақте духтарашро ба хонаи Абдулмалик ибни Марвон ба Шом гусел мекард, ба вай гуфт: Вақте ғамму сахтие ба ту расид, ин калимотро бихон:

لا إِلهَ إِلاَّ اللهُ الْحَلِيمُ الْعَظِيم، لا إِلهَ إِلاَّ اللهُ
رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيم، لا إِلهَ إِلاَّ اللهُ رَبُّ
السَّمواتِ ورَبُّ الْأَرْضِ، رَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيم.

«Ло илоҳа иллаллоҳу-л-ҳалиму-л-ъазим, ло илоҳа иллаллоҳу раббу-л-ъарши-л-ъазим, ло илоҳа иллаллоҳу раббу-с-самовоти ва раббу-л-арзи, раббу-л-ъарши-л-карим».[2]

ИСТИМНО БО ДАСТ

Истимно[3] дар луғат ба маънои берун овардани манӣ ба василае ғайр аз тариқи ҳамбистарӣ аст ва он аз таскини шаҳвати ҷинсӣ бо молиш ва ё фишор додани узвҳои таносулӣ ва ё бо истифода аз василаҳои дигар иборат аст.

Дар фарҳанги исломӣ ҳазорон сол қабл аз таҷрибиёти донишмандон дар илми равоншиносии муосир барои баланд бардоштани ғаризаи ҷинсӣ ва хостаҳои шаҳвонӣ дар уфуқҳои илмӣ ва фарҳангӣ дар ҳолати тааззури ишбоъи он аз роҳҳои машрӯъ тавсияҳои арзишманде дода шудааст. Қуръони карим пас аз тарғиби насли ҷавони уммати ислом ба издивоҷ дар ояти сию сеюми сураи Нур ба баёни ин падидаи иҷтимоӣ ва равонӣ пардохта, ба одамоне, ки имконоти молии муносибе барои издивоҷ надоранд, тавсия мекунад: **«Ва онҳое, ки барои издивоҷ имконоти муносиби молие пайдо накардаанд, покиро пеша намоянд, то он ки Худо онҳоро аз фазли хеш бениёз гардонад».**

Расули акрам (с) низ дар яке аз тавсияҳои худ ба ҷавонон мефармояд: ***«Эй ҷамоати ҷавонон, касе аз шумо имконот ва тавоноии издивоҷро дошта бошад, ҳатман издивоҷ намояд, зеро он барои ҳифзи нигоҳ ва покии шармгоҳ беҳтарин васила аст. Ва аммо касе издивоҷ карда натавонад, пас рӯзаро бар худ лозим бигирад, ки он барояш виқоя ва сатр аст».[4]***

Дар оятҳои 29-31-уми сураи Маорич ва 5-7-уми сураи Муъминун низ омадааст: **«Ва касоне, ки фарҷҳои худро ҳифзкунандаанд, магар аз ҳамсарон ва милки яминашон, пас онҳо ғайри маломатшудагонанд. (Ва) касе (барои ишбоъи шаҳавоти худ) берун аз инро биҷӯяд, воқеан ҳам, онҳо таҷовузкоронанд».** Яъне касе барои ишбоъи шаҳавоти худ ҷуз аз тариқи ҳамсар ва милки яминаш роҳи дигаре биҷӯяд, чунин одамоне аз ҳудуди Худованд таҷовуз намудаанд.

Аз ин омӯзаҳои исломӣ ба хубӣ бармеояд, ки баровардани майлҳои шаҳвонӣ ва ғаризаи ҷинсӣ, ҷуз аз тариқи ҳамбистарӣ бо ҳамсари шаръӣ, ҳаром ва нораво аст. Истимно бо даст ва ё бо ҳар чизи дигаре аз дидгоҳи ислом на танҳо роҳи нодурсте барои ишбоъи ғаризаи ҷинсӣ ба шумор меравад, балки он ба гунае таҳрики ангезаҳои ҷинсӣ ва ишбоъи онҳоро аз роҳи ғайримуқаррарӣ дар инсон бештар мегардонад.

Дар тибби муосир низ ба исбот расидааст, ки истимно илова бар он, ки ба узвҳои таносулӣ ва ҳайвоноти манавӣ (сперма)-и шахс зиён мерасонад, ӯро аз ҷиҳати ҷисмонӣ низ заъиф ва бемадор менамояд ва дар рӯҳиёти инсонӣ ва абъоди иҷтимоии вай таъсири манфӣ мегузорад.

Истимно аз назари фиқҳӣ дар назди ҷумҳури аимма ҳаром аст,[5] вале агар шахси безан онро

[1] Маҳмуд Маҳдии Истанбулӣ, Туҳфату-л-арӯс, аз-завоҷу-л-исломийю-с-саъид. – С. 82, 83. Бейрут.

[2] Амалу-л-явми ва-л-лайла аз Насоӣ. – С. 416-427. Ин дуо бо лафзҳои гуногуне аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар аз Алӣ (рз) ривоят шудааст. Дар Саҳеҳи Бухорӣ, 6345, 6346 ва Саҳеҳи Муслим, 6858, 6859 (2730)-83 аз Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) низ ривоят шудааст, ки паёмбар (с) ба вақти ғамму андӯҳ онро мехонд ва лафзи ривоят аз Ибни Аббос (рз) аст.

[3] Онро дар истилоҳи илмӣ онанизм [Onanisme] мегӯянд ва имрӯзҳо калимаҳои дигаре низ, ба монанди мастурбатсия [Masturbation] (худирзоӣ), манипулятсияи ҷинсӣ [Sexual Manipulation] (дасткории ҷинсӣ) ва ғайра, ба он маъно корбурди умумӣ пайдо кардаанд (Бо ихтисор аз китоби Аъмоли хилофи иффат дар ислом. – С. 259. Абдулҷалил Бароҳуӣ. – Турбати Ҷом).

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 1905, 5065, 5066; Саҳеҳи Муслим, 3384-3387 (1400)-1-4.

[5] Ба ҷуз имом Аҳмад (рҳ), ки истимно бо дастро ҷоиз

аз бими вуқӯъ дар зино анҷом дода бошад, пас умед меравад, ки бар вай (дар он ҳолат) гуноҳе набошад. Ибни Ҳумом дар Фатҳулқадир ва Ибни Обидин дар Радду-л-муҳтор мефармоянд: «Истимно бо даст ҳалол нест (яъне ҳаром аст), вале агар шаҳвати ҷинсӣ бар шахс ғалаба кунад ва ба хотири таскини нафсаш истимно намояд, умед меравад, ки ба иқобе гирифтор нагардад».[1] Дар китоби Сироҷ омадааст: Агар онро барои таскини шаҳвати муфрити худ, ки қалбашро машғул дошта, анҷом диҳад, дар сурате ки безан бошад ва ё зандор бошад, вале ба сабаби узре ба наздаш рафта натавонад, Абуллайс (-и фақеҳ) фармуда: Умед дорам, ки ваболе бар вай набошад.[2] Пас дар сурати фавқ агар хавфи зино пеш ояд ва барои таскини шаҳваташ бо даст истимно кунад, умеди афв ва гирифтор нагаштан ба иқоб аст, вале агар он ягона роҳи халосӣ аз зино бошад, пас истимно воҷиб аст, зеро он сабуктар аст.[3]

Аммо агар бо дасти ҳамсараш истимно намояд, он ба монанди тафхиз ва табтин боке надорад.[4]

Соҳиби Рад пас аз баёни ҳукми истимно иллати муътабар дар онро бо зикри ин натиҷа баррасӣ намудааст: Таҳрими истимно бо даст оё ба сабаби лаззатҷӯии ҷинсӣ бо узв ва бахше аз бадани худ аст ва ё аз ҷиҳати барангехта шудани шаҳват ва рехтани оби манӣ дар ғайри мавзеи шаръиаш? Зоҳиран сабаби он ба бахши дуюм бармегардад ва бар ҳамин асос истимно бо дасти ҳамсар ба мисли тафхиз ва табтин ҷоиз аст. Ва бо қиёс ба ин агар закари худро ба шикофи деворе дарорад ва шаҳваташро бартараф созад – инзол шавад ва ё ба закараш хирқаеро печида бо дасташ истимно намояд, он низ ҳаром аст.[5]

Аз ин пойгоҳи ҳукмӣ ба хубӣ равшан мегардад, ки истифода аз васоили маснуъие, ки имрӯз дар бозорҳои озод барои таскини майлҳои ҷинсӣ ба сурати фарҷҳои пластикӣ ба фурӯш гузошта шудаанд, низ ҳаром ва нодуруст аст.

Ҳукми ҳаром будани истимно бо дастро фақеҳони киром аз муҳтавои умумии оятҳои сураи Маориҷ ва Муъминун дар ин замина истинбот намудаанд.

ХУТБАИ НИКОҲ

Хондани хутбае, ки фарогири ҳамду санои Худованд, салавот бар паёмбар (с) ва оятҳои шомили амр ба тақво бошад, пеш аз бастани ақди никоҳ аз тарафи як шахсияти донову фаҳмида мустаҳаб аст.

Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз) ривоят мекунад, ки расули Худо (с) ташаҳҳуд дар намоз ва хутбаи ҳоҷатро ба мо таълим дод. Хутбаи ҳоҷат – амри муҳим, ба монанди ақди никоҳ, дар ривоятҳо чунин омадааст:

«Алҳамду лиллоҳ, наҳмадуҳу ва настаъинуҳу ва настағфируҳу ва наъузу биллоҳи мин шурури анфусино ва мин сайиоти аъмолино. Ман яҳдиҳиллоҳу, фало музилла лаҳ ва ман юзлил, фало ҳодия лаҳ ва ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу» ва се оят мехонад, ки Суфёни Саврӣ онҳоро аз ояти 102-юми сураи Оли Имрон, ояти 1-уми сураи Нисо ва оятҳои 70-71 сураи Аҳзоб:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا
تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ ١٠٢
يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُم مِّن
نَّفۡسٖ وَٰحِدَةٖ وَخَلَقَ مِنۡهَا زَوۡجَهَا وَبَثَّ مِنۡهُمَا

донистааст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 426; Тафсири Рӯҳулмаонӣ. – Ҷ. 7. – С. 285).

Дар бораи ҳукми истимно далели бевосита ва насси сареҳе аз сӯи шаръ ворид нашудааст ва ҷумҳури аҳли суннат ҳукми онро аз далоили зимнӣ истинбот кардаанд. Бинобар ин, имом Аҳмад онро ҷоиз ва дар ҳолати зарурат хуб шуморидааст, зеро ифрозоти манавӣ низ бахше аз тарашшуҳоти органикии бадан аст ва берун кардани он аз бадан, ба мисли дигар ифрозот ва фазалот, барои саломатӣ хуб аст.


[1] Фатҳулқадир. – Ҷ. 2. – С. 334. Соҳиби Ҳидояи шариф низ дар китоби «Таҷнис»-и худ ин қавлро таъйид намудааст, камо фӣ ҳошияти Фатҳилқадир.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 426–427; ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 37. Дар Дуррулмухтор дар боби муфсидоти рӯза (Ҷ. 3. – С. 426, Рад бар Дур) истимноро макрӯҳи таҳримӣ ва дар китоби Ҳудуд (ҳамон сарчашма. – Ҷ. 6. – С. 44), агар барои ҷалби шаҳват бошад, онро ҳаром гуфтааст.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 426.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 427.

[5] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 427.



иборат донистааст.[1]

Хондани хутбае бо ин равиш пеш аз ақди никоҳ мустаҳаб аст ва агар ба дигар сурат ҳам хонда шавад, боке надорад. Хутбаи никоҳ аз назари истеҳбоб шомили ин ҳадиси набавӣ мегардад, он ҷо ки мефармояд:

«Ҳар амри бошаън ва дорои аҳаммият (вақте) бо ҳамди Худо оғоз нагардад, он бурида ва нотамом аст».[2]

Вале бояд донист, ки вақте рукн ва шартҳои сиҳҳати никоҳ фароҳам омада бошанд, ақд бе хондани хутбаи никоҳ ҳам дуруст мегардад, зеро чӣ тавре зикр гардид, хондани хутба пеш аз ақди никоҳ мустаҳаб аст ва бо тарки мустаҳаб амал ботил ва ё фосид намегардад. Ривоят шудааст, ки марде аз банӣ Сулайм гуфт:

«Умома духтари Абдулмутталибро аз расули Худо (с) хостгорӣ кардам. Ӯро бе он ки хутбае бихонад, ба никоҳам даровард».[3]

[1] Сунани Абудовуд, 2118; Сунани Тирмизӣ, 1105; Сунани Ибни Моҷа, 1892.

[2] Сунани Ибни Моҷа, 1894.

[3] Сунани Абудовуд, 2120.

Фасли ҳафтум

ШАРТ ГУЗОШТАН ДАР ВАҚТИ АҚДИ НИКОҲ

Шартҳо бар ду навъанд:

а) шартҳое, ки бо аслу ҳадафи никоҳ мувофиқ мебошанд ва дар чаҳорчӯбаи ҳадафҳои ҳаёти хонаводагӣ ва муқтазои ҳамзистии заношавҳарӣ қарор доранд, б) шартҳое, ки бо ҳадаф ва моҳияти никоҳ ва ҳаёти оилавӣ созгор набуда, ба мақсадҳои он ҳеҷ гуна иртиботе надоранд.

1. *Шартҳои навъи аввал,* ба монанди таъмини нафақаи муносиб, ҷои хоб, анҷоми робитаҳои заношавҳарӣ, риояи эҳтиром ва ҳайсияти зан ва бемаврид латукӯб накардани вай ва ғайра аз ҷумлаи масъулиятҳои динӣ ва вазифаҳои шаръие мебошанд, ки аз нигоҳи шариат мард бояд ба онҳо пойбанд бимонад, ҳарчанд аз ҷониби зан шарт ҳам гузошта нашаванд. Ҳатто, агар зан дар вақти никоҳ аз онҳо номе ҳам набурда бошад, дар сурати пойбанд намондани мард ба ин масъулиятҳои шаръии худ, зан метавонад ба додгоҳи шаръ мурочиат намояд ва аз шавҳараш шикоят кунад.

Агар зан, валии вай ва ё вакилаш дар вақти ақди никоҳ ин шартҳоро гузошта бошанд, ба ин сурат, ки гуфта бошанд: *«Тану нафси худро ё муваккилаамро ба ту додам, ба шарте ки корҳои зикршуда риоя гарданд ва дар сурати риоя нагардидани онҳо ихтиёри талоқ ба худам баргардад»* назди ҷумҳури аҳли суннат дар ҳолати пойбанд намондани мард ба он шартҳо, зан мухаййара ба нафси худ мегардад. Агар идомаи ҳаёти заношавҳариро бо он мард бихоҳад, ба зиндагонии муштараки худ идома медиҳанд, вале агар ҳамзистиро бо вай нахоҳад, худро метавонад ҷудо созад.

Уламо ва бузургони мазҳаби ҳанафӣ бошанд, ҳар ду навъи шартҳоро ботил ва никоҳро ҷоиз ва дуруст донистаанд. Зеро талоқ ҳаққи мард мебошад ва бо чунин шартгузорие аз дасти вай берун намегардад, ҳарчанд дар вақти ақди никоҳ мард он шартҳоро қабул карда бошад.

2. *Шартҳои навъи дуюм,* агар бо моҳияти ҳаёти заношавҳарӣ комилан мухолиф бошанд, ба монанди ин ки зан бигӯяд: *Худро ба шарте ба никоҳи ту додам, ки бо ман ҳамбистар нашавӣ ва ё корҳои хонаро анҷом надиҳам,* дар ин сурат низ никоҳ дуруст мегардад ва ин шартҳо ботил ва бекор мебошанд, дар никоҳ ҳеҷ гуна таъсире надоранд ва бар мард лозиму-л-иҷро ҳам намебошанд.

Аммо агар шартҳо бо вуҷуди он ки ба моҳияти никоҳ ва ҳадафҳои ҳаёти заношавҳарӣ ҳеҷ гуна иртиботе надошта бошанд, ба он мухолиф ҳам набошанд, дар ин сурат ваъдаҳое мебошанд, ки мард бояд ба онҳо вафо намояд. Агар ба онҳо вафо накунад, бо он ки хилофи ваъда намудааст, вале дар дурустии никоҳ ҳеҷ гуна таъсире надоранд, ба мисли ин ки зан бигӯяд: *Ба шарте худро ба никоҳи ту даровардам, ки дар хонаи падару модарам бимонем, ё аз шаҳрам ба ҳеҷ куҷо наравем ва…*

ҲУКМИ НИКОҲИ КОФИРОН

Агар кофирон бар асоси маслаку дини худ бо якдигар ақд баста бошанд, никоҳи онҳо аз назари шариат муътабар дониста мешавад. Дар сурате ҳар ду бо ҳам ислом оварданд, аз нав никоҳ намудани онҳо зарурате надорад ва ҳамон никоҳашон кифоят бошад.

Агар яке аз марду зани кофир ислом овард ва дигаре бар куфраш боқӣ монд, никоҳашон ботил (бекор) мегардад.

РИОЯИ АДОЛАТ ДАР БАЙНИ ЗАНОН

– Вақте мард ду зан ва ё бештар аз он дошта бошад, ӯро лозим аст, ки дар байни онҳо дар

сару либос, хӯрду хӯрок, хона ва шабгузаронӣ баробарӣ ва адолат намояд, чи баъзе аз онҳоро бикр ва баъзе дигарашонро бева гирифта бошад. Агар ду шаб дар хонаи ҷавон шабро гузаронид, ду шаби дигар бояд дар хонаи зани пиру қадимӣ шаб бигзаронад.

– Баробарию адолат дар шабгузаронӣ лозим аст, на дар рӯзгузаронӣ ва ҳамбистарӣ. Дар сурате рӯзона ба хонаи яке рафтуомад намояд ва ё бо яке бештар ҳамбистарӣ кунад, монеъе надорад ва гунаҳкор намегардад.

– Агар ба хонаи яке аз занон пас аз шом ва ба хонаи дигаре пас аз хуфтан рафт, ҷоиз нест, адолату баробарӣ бояд комилан риоят шавад.

– Касеро касбу кор дар шаб бошад ва рӯзона дар хона ба сар барад, дар ин сурат баробарӣ дар рӯзгузаронидан дар канори онҳо лозим аст.

– Фарқе надорад, ки мард бемор бошад ё солим, баробарию адолат дар шабгузаронӣ дар хонаҳои онҳо воҷиб аст. Чунончи, дар ривоятҳо омадааст, паёмбари акрам (с) ҳангоми бистарӣ шуданашон дар беморие, ки бар асари он даргузаштанд, адолат ва баробариро дар шабгузаронӣ дар хонаҳои ҳамсаронаш ҳаргиз тарк накарданд, то дар охир аз ҳамаи онҳо хост, ки минбаъд даврони бемории худро дар хонаи Уммулмуъминин ҳазрати Оиша (рз) бигзаронад. Онҳо ҳама розӣ гаштанд ва он ҳазрат (с) дар хонаи Оиша (рз) ором гирифт ва дар ҳамон ҷо рӯҳи покаш ба рафиқи аъло (Парвардигор) пайваст ва дар ҳамон ҳуҷра ҷасади покаш ба хок супурда шуд.[1]

– Риояи адолату баробарӣ дар муҳаббати қалбӣ дар байни занон аз тавони инсон берун мебошад, бинобар ин, чунин баробарие воҷиб нест. Аз паёмбари бузург (с) ривоят шудааст, ки вақте чизеро дар байни занони худ тақсим мекард, адл мекард ва мефармуд: ***«Худоё, ин аст тақсимот (ва адолат)-и ман дар он чи ки молик ва соҳиби он ҳастам ва он чиро, ки аз доираи қудрати ман берун аст ва Ту молики он мебошӣ, бар ман магир»***[2] ва бо он муҳаббати қалбро дар назар дошт.

– Дар сафарҳо ҳаққи интихоби ҳамроҳ ба дасти мард аст ва занҳо дар интихоби ҳамроҳӣ бо ӯ ҳаққе надоранд. Шавҳар бо ҳар кадом, ки тамоюл дошта бошад, метавонад онро бо худ бибарад, вале қуръа партофтан беҳтар аст.

Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) вақте оҳанги сафар мекард, дар байни ҳамсаронаш қуръа мепартофт. Саҳми касе аз онҳо мебаромад, дар сафар ӯро ҳамроҳи худ мегирифт…».*[3]

БИСЁРҲАМСАРӢ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

Аз назари ислом ду, се ва ё чаҳор зан вақте барои мард шаръан иҷозат аст, ки дар миёни онҳо бо адл рафтор намояд, вале чун аз поймол шудани меъёрҳои адолати шаръӣ хавф барад, дар он сурат бояд ба як зан кифоят намояд.

Дар бораи чандҳамсарӣ ва ё бисёрзанӣ дар ислом метавон гуфт, ки бар асоси ояти 3 сураи Нисо барои як мард чаҳор зан ҷоиз мебошад ва он ҳам дар сурате, ки дар миёни онҳо бо адл рафтор намояд. Аммо агар дар риояи адолати шаръӣ аз худ бовар надошта бошад ва ё онро мӯҷиби зулму беадолатӣ нисбат ба онҳо бидонад, пас назари шаръ он аст, ки ба як зан иктифо намояд. **«Агар хавф баред, ки (дар миёни онҳо) адл карда наметавонед, пас ба як зан ва ё он чи милки ямини шумо аст, иктифо намоед».**

Ба як зан иктифо кардани мард ҳам барои риояи адолат ва дурӣ аз зулму ҷафо муфовиқ аст ва ҳам барои халосӣ аз аёли бисёр ва костан аз парешонии рӯзгор созгор аст. **«Ин наздиктар ба он аст, ки (ба касе) ҷафо накунед».**

Вале бо вуҷуди ин, дини мубини ислом бо дарназардошти ҳолатҳои гуногуни равонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар паҳлӯҳои шахсияти инсон ва таҳаввулоти демографие,[4] ки дар давраҳои мухталиф барои ҷомеаҳои башарӣ пеш меояд, то чаҳор занро барои як мард иҷозат до-

[1] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Оиша (рз) дар он мефармояд: *«Вақте бемории паёмбар (с) сахт шуд, аз ҳамаи ҳамсаронаш иҷозат гирифт, то дар хонаи ман бистарӣ шавад ва онҳо барояш (дар ин кор) иҷозат доданд…»* (Саҳеҳи Бухорӣ, 198, 664, 665, 679; Саҳеҳи Муслим, 936 (418)-90, 937 (…)-91, 938 (…)-92; Сунани Ибни Моҷа, 1618).

[2] Сунани Абудовуд, 2134; Сунани Тирмизӣ, 1140; Сунани Насоӣ, 3953; Сунани Ибни Моҷа, 1971.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 2593, 2637, 2661.

[4] Демография яке аз соҳаҳои илми статистика (оморшиносӣ) буда, таркиби ҷойгиршавӣ, шумора, ҳаҷми афзоиш ва дигар ҳолатҳои аҳолиро меомӯзад.

дааст ва онро, чӣ тавре мушоҳида гардид, ба як силсила меъёрҳои шаръӣ вобаста намудааст.

Мавзӯи бисёрҳамсарӣ ба он шакл ва муҳтавое, ки дар таълимоти ислом пешбинӣ шудааст, қонуни комил ва ҷомее мебошад, ки дар он ҳам ниёзҳои фитрии ҳар ду қишри марду зан, ҳам паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсон ва ҳам ҳадафҳои олии инсонӣ риоя ва таъмин гардидаанд. Бар асоси он яке аз падидаҳои решадори иҷтимоӣ ва буҳрони инсонии ҷомеаи башарӣ дар он давра ба таври муносибе ҳал ва ба танзим дароварда шудааст.

Ривоят шудааст, ки Ғайлон ибни Саламаи Сақафӣ вақте ислом овард, даҳ зан дошт. Паёмбар (с) ба вай гуфт: ***«Чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун!)».***[1] Умайраи Асадӣ мегӯяд: Вақте ислом овардам, ҳашт зан доштам. Инро ба Паёмбар (с) гуфтам, фармуд: ***«Чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун!)».***[2] Имом Шофеъӣ дар Муснади худ аз Навфал ибни Муъовияи Дайламӣ ривоят мекунад, ки гуфт: Вақте ислом овардам, панҷ зан доштам. Расули Худо (с) ба ман гуфт: ***«Аз байни онҳо чаҳор нафарро баргузин ва аз якеашон ҷудо шав!».***[3]

Масъалаи бисёрҳамсарӣ дар байни миллатҳои дигар, ба монанди Форсу Рум ва ғайри онҳо аз ин ҳам бадтар буд. Ислом вақте ба даъвати башарият пардохт, бо чунин вазъи асафборе нисбат ба занон рӯ ба рӯ гардид ва онро ба беҳтарин сурат ба танзим дароварда ва бо як иқдоми беназире ҳам марзи бисёрҳамсариро ба чаҳор зан маҳдуд гардонд ва ҳам онро ба иҷрои адолат вобаста намуд ва ба зан ҳамон мақоми инсонӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоиеро бахшид, ки сазовори каромати инсонии ӯст.

Асли бисёрҳамсарӣ аз назари таълимоти ислом бо дарназардошти шароити демографии ҷомеа дар ҳолатҳои махсусе, ба монанди таҳкими пояҳои сиёсати хориҷӣ, марҳалаҳои баркарорсозии баъдиҷангӣ ва дигар пешомадҳои ғайриодие, ки ба ҳалокат ва нобудии мардон ва мутаносибан ба афзоиши шумораи занон дар ҷомеа меанҷомад ва дар ҳолатҳои дигаре ғайр аз инҳо авлавият пайдо мекунад. Зеро дар ҳамаи ин ҳолатҳо дар натиҷаи маргу мири бисёр ва кам шудани нисбати омории мардон дар ҷомеа занони зиёде ҳам ба сарпарастии муносиб ва ҳам ба баровардани эҳтиёҷоти равонӣ ва ғаризаҳои фитрии худ ниёз пайдо мекунанд.

Ҳамчунин ҳолатҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки барои баъзе афроди ҷомеа дар вазъияти одӣ ҳам рӯй овардан ба бисёрҳамсариро муваҷҷаҳ месозанд, ба монанди афзунӣ ва шиддати қувваи боҳ дар баъзе мардон. Амонат ва инсофи илмӣ тақозо мекунад, ки вақте ба як асл ва ё арзиши динӣ баҳо дода мешавад, он бояд дар ҳамбастагӣ ва мутаносибан бо усули дигари он арзёбӣ шавад. Зеро дини ислом аз як тарҳи комиле иборат аст, ки бахшҳои алоҳидаи он ба таври ҷудогона ҳеҷ гоҳ он зебоӣ, мавзуният ва симои воқеии онро ба таври комил ифода карда наметавонанд. Бинобар ин, мо вақте асли бисёрҳамсариро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, бояд ҳамзамон ҳадафҳо ва усули дигари исломиро, ки бо ин асл ба гунае дар иртибот ҳастанд, дар мадди назари таҳлилҳои худ қарор диҳем.

Асли дигар дар таълимоти иҷтимоии слом нигаҳ доштани иффат ва муҳити покизаи ҷомеа аз ҳар гуна бебандубориҳои ҷинсӣ, ҳифзи генофонди миллат аз олудан ба одамони беасл ва ё бадасл ва дар ниҳоят, таъмини ҳаёти хонаводагии поку беолоиш ва баровардани ниёзҳои фитрӣ (ҷинсӣ)-и аҳли ҷомеа бо роҳҳои машрӯъ аст. Ин ҳадафи мутаъолӣ дар ҳолатҳои истисноие, ки ба қисмате аз онҳо дар боло ишора гардид, вақте дар ҷомеа таҳаққуқ меёбад, ки асли бисёрҳамсарӣ дар он расман иҷозат бошад.

Омори расмӣ ва ғайрирасмӣ аз ҳаҷми рӯ ба афзоиши бебандубориҳои ҷинсӣ, алоқаҳои номашрӯъи маҳрамона ва аз густариши бесобиқаи тифлони кӯчаҳо ва партобҳои парваришгоҳҳои бепарасторон дар кишварҳое хабар медиҳанд, ки асли бисёрҳамсарӣ дар онҳо расман мамнӯъ эълон шудааст. Дар чунин вазъи иҷтимоӣ аксаран занони бесарпараст ва духтарони хонаводаҳои бенавое ба танфурӯшӣ даст мезананд, ки ҳам аз ёфтани ҷуфти муносиб ва бунёди хонаводаи солим бенасиб мондаанд ва ҳам қонун ба онҳо иҷозат намедиҳад, ки ба сурати ҳамсари дуюм ва сеюми мардони имконияттдор барои


[1] Сунани Тирмизӣ, 1128. Сунани Ибни Моҷа, 1953.
[2] Сунани Абудовуд, 2241. Сунани Ибни Моҷа, 1952.
[3] Муснади имом Шофеъӣ, 1306. – Ҷ. 1. – С. 274.

худ ҳаёти обрӯмандонаеро фароҳам оваранд.

Ислом, аз як тараф, падида ва ё расми бисёрҳамсариро аз ҳар гуна беназмӣ ва сардаргумие, ки дар миёни пайравони тамаддунҳои бостонӣ ва бар асоси роҳу расми миллатҳои пешин вуҷуд дошт, берун овард, ба он рӯҳи инсонӣ дамид ва адади онро ба чаҳор ҳамсар маҳдуд гардонд ва аз сӯи дигар, ҳолатҳои гуногуни демографии ҷомеа ва дурнамои равонӣ, нафсонӣ, иҷтимоӣ ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти инсонро дар партави таълимоти худ қарор дода, он аслро ба ҳайси тақозои ниёзҳои инсонӣ дар ҳаҷми чаҳор зан ба танзим даровард.

Ислом агар пеши роҳи бисёрҳамсариро ба таври куллӣ мегирифт ва онро ба миқёси маҳдуд ҳам иҷозат намедод, ҳамон гуна ки асли якҳамсарӣ имрӯз дар ҷомеаҳои гуногун ба роҳ монда шудааст, бисёре аз занонро дар шароити махсуси демографӣ аз ҳаққи фитриашон, ки баровардани ниёзҳои ҷинсӣ ба таври машрӯъ ва дар чаҳорчӯбаи қонунӣ аст, маҳрум месохт ва бо ҳамин ҷомеа дар суқутгоҳи беахлоқӣ ва фарҳанги бебандубориe, ки дар ҷаҳони мутамаддини имрӯз бо номи ишқварзиҳо ва расми маъшуқабозиҳо ривоҷ дорад, суқут мекард.[1]

[1] Баргирифта аз Тафсири навини Қуръони карим дар зимни тафсири ояти 3 сураи Нисо бо каме тасарруф дар ибораҳо.



Бахши севвум

КИТОБИ ШИРХОРАГИ (РАЗОАТ)

وَٱلْوَٰلِدَٰتُ يُرْضِعْنَ أَوْلَٰدَهُنَّ حَوْلَيْنِ كَامِلَيْنِ ۖ
لِمَنْ أَرَادَ أَن يُتِمَّ ٱلرَّضَاعَةَ ۚ

«Модарон фарзандони худро
барои касе, ки итмоми (муддати)
ширхорагиро бихоҳад,
ду соли комил шир медиҳанд»

(Сураи Бақара, 2:233).



ШИРХОРАГӢ (РАЗОАТ)

Шир дар сохтани рӯҳиёт, рушду нумӯ, тарбият, тарзи тафаккур ва ахлоқи тифл то андозае муассир мебошад, ки зани ширдеҳ аз назари ислом дар радифи зоянда ва ба бороварандаи фарзанд, яъне модари тифл қарор мегирад. Аз роҳи шир тамоми хусусиятҳои ирсӣ ва хунӣ вориди ҷисму вуҷуди навзод мегардад ва дар шаклгирии шахсияти ӯ дар оянда нақши асосиро мебозад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияте, ки шир дар ҳаёти навзод дорад, шариати ислом дар маҷмӯаи фиқҳии худ фасле ва китобе бо номи «Разоат» (ширхорагӣ) кушодааст, ки тамоми аҳком ва марзҳои он бо тифл баён гардидаанд.

Аз як сӯ, бо собит шудани аҳкоми ширхорагӣ дар миёни тифли ширхора ва зани ширдеҳ силсилаи қаробат ва хешовандӣ паҳлӯ ба паҳлӯи қаробати насабӣ густариш меёбад ва аз сӯи дигар, барои додани шир ба тифле аз ҷониби шаръ аҳком ва баёноте гузошта шудааст, то ин асл ба сурати беравияе шакл нагирад, зеро аз дидгоҳи ислом мақсад аз зоду насл тақдими фарзандони ҳамаҷониба солим ба ҷомеа мебошад.

Имрӯзҳо илми тиб ба ин моҳияти шир пай бурда, дар баъзе аз кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Олмон, барои он ки аз зиёнҳои ояндаи шири хушк дар амон бимонанд ва то андозаи мумкин аз шири одамӣ истифода намоянд, ба хулосае омадаанд, ки аз шири заноне, ки шири зиёд доранд ё тифлашон аз дунё гузаштааст, пас аз гузаштани мароҳили озмоишҳои беҳдоштӣ ва ташхиси саломатии он дар бемористонҳои махсусе онро ҷамъоварӣ намуда, пас аз омехтан ба шири гов ё гӯсфанди пустиризашуда ба тифлҳои бе шир ё модармурда бидиҳанд.

Он гоҳ дар шиносномаҳои чунин тифлҳо нишонаи махсусе мегузоранд, ки ба парвариш ёфтани онҳо аз ширҳои гуногуни одамӣ ва ҳайвонӣ далолат менамояд. Агар аз назари равоншиносӣ ва рафтори инсонӣ норасоӣ ва мушкиле дар оянда дошта бошанд ва амали хилофе аз онҳо содир шавад, иллат ва омили нахустини онро медонанд.

Дар мазҳаби имом Абуҳанифа (рҳ) миқдори шире, ки бо хӯрдани он аҳкоми ширхорагӣ собит мегарданд, хӯрдани як қатра шир ё як бор макидан аст. Бо хӯрдани тифл аз шири зане, миқдори он кам бошад ё зиёд, аҳкоми разоат собит мешаванд, зеро дар Қуръон омадааст: **«Ва он модаронатон, ки шуморо шир додаанд»** (Нисо, 4:24) ва дар он миёни кам ва бисёри он ҷудо сохта нашудааст.[12],

---

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3.

[2] Назди имом Шофеъӣ (рҳ) ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) бо истинод ба ҳадиси ривоятшуда аз Оиша (рз) дар Саҳеҳи Муслим (3582 (1452)-24) ҳукми ширхорагӣ бо панҷ бор шир хӯрдан ё макидан собит мешавад, на бо камтар аз он (ал-Мавсӯату-л-фиқҳия. – Ҷ. 22. – С. 244). Соҳиби Фатҳ дар баёни нуқтаназари фуқаҳои ҳанафӣ дар ин масъала мегӯяд: Ҷавоб ин аст, ки ҳукми миқдор ё адади макидан дар разоат, ки дар баъзе аҳодиси боб зикр шудаанд ва барои исботи назари имом Шофеъӣ (рҳ) аз онҳо истифода шуда, мансух гардидааст ва Ибни Аббос (рз), Ибни Масъуд (рз) ва Ибни Умар (рз) ба насхи ҳукми онҳо тасреҳ кардаанд. Вақте ба Ибни Аббос (рз) гуфта шуд, ки мардум мегӯянд, як бор шир хӯрдан ҳаром намегардонад, яъне разоат бо он собит намешавад, гуфт: Ин буд, вале мансух гардид. Ибни Туркмонӣ дар «ал-Ҷавҳару-н-накӣ» ба нақл аз Ибни Абушайба аз Ибни Аббос (рз) овардааст, ки як бор шир хӯрдан ҳаром мегардонад ва ин гуфта аз вачҳи дигар дар «ал-Маърифат»-и Байҳақӣ мутобаат шудааст, ки Ибни Аббос (рз) фармуд: Каму зиёди шир хӯрдан, вақте дар гаҳвора бошад, ҳаром мегардонад. Аз Ибни Масъуд (рз) низ ривоят шуда, ки фармуд: Амри разоат бар ин қарор гирифт, ки каму зиёди шир ҳаром мегардонад. Аз Ибни Умар (рз) низ чунин ривоят шудааст (Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 419-422).

Хулоса, дар бораи ин ки бо панҷ бор ё бештар аз он шир макидан разоат собит мешавад, миёни фуқаҳо ва аиммаи мазоҳиб ихилофи назаре вуҷуд надорад. Ихти-

БАЁНИ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Вақте навзоде ба дунё омад, шир додани вай бар модараш воҷиб аст, вале агар падараш сарватманд бошад ва барои ширдиҳии фарзандаш занеро пайдо намояд, ки хусусиятҳои ирсӣ ва шири вай ба мизоҷи навзод мувофиқ бошад, дигар модар метавонад навзодашро худ шир надиҳад, ҳеҷ гуноҳе аз назари шаръ барояш набошад.

2. Зан бе иҷозати шавҳари худ наметавонад фарзанди дигар касро шир диҳад, ҳарчанд хоҳари худаш ҳам бошад. Вале агар тифле аз гуруснагӣ дар маърази ҳалокат қарор гирад, бе иҷозати шавҳар метавонад ба хотири ҳифзи ҷонаш вайро шир диҳад.

3. Ҳадди болои муддати ширхорагӣ барои кӯдак бар асоси муқаррароти шариат аз нигоҳи фиқҳи мазҳаби ҳанафӣ дувуним сол аст. Аз дувуним сол ба боло шир додани кӯдак ҳаром аст. Аз назари шуморе аз фақеҳони исломӣ муддати ширхорагӣ ду сол мебошад. Соҳиби «Фатҳу-л-қадир» ва имом Таҳовӣ ду солро саҳеҳтарин қавлҳо донистаанд.

4. Агар кӯдакеро пас аз ду сол аз шир ҷудо карданд ва ба хӯрдани таом омӯхта шуд, пас аз ин агар аз пистони зане шир нӯшад ҳам, аҳкоми ширхорагӣ дар бораи вай собит намешавад.

5. Миқдори шире, ки бо нӯшидани он аҳкоми ширхорагӣ собит мегарданд, нӯшидани як қатра шир ё як бор макидан аст.

6. Пиразане набераи худро бо пистонаш машғул намояд ва пистонаш оҳиста-оҳиста шир пайдо кунад, он набера агар писар бошад, писари разоӣ ва агар духтар бошад, духтари разоии модаркалони (бибӣ) худ мегардад. Агар ҳамаи набераҳои писарӣ ва духтарии худро ба ҳамин сурат ба пистони хушкаш саргарм кард ва андак-андак дар пистонаш шир пайдо гашт, ҳама фарзандони разоии пиразан мегарданд ва никоҳи онҳо бо якдигар ҳаром мебошад.

7. Он чи аз ҷиҳати насабӣ бар шахс ҳаром аст – ба онҳо маҳрам буда бо якдигар никоҳрас намебошанд, аз ҷиҳати разоӣ (ширхорагӣ) низ бар вай ҳаром мебошад. Дар ин ҷо танҳо сурати масъалаи модари разоии бародари насабӣ ва хоҳари разоии писари насабӣ аз ин ҳукм берун мебошад. Чунончи, паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Инналлоҳа ҳаррама мина-р-разоъи мо ҳаррама минаннасаби, илло умма ахиҳи ва ухта ибниҳи».***

«Худованд, дар ҳақиқат, он чиро, ки аз ҷиҳати насаб барои шахс ҳаром гардонидааст, аз ҷиҳати ширхорагӣ низ онро ҳаром сохтааст, магар модари (разои) **бародар** (*-и насабӣ*)***-аш*** **ва хоҳари** (разоии) **писари** (*насабӣ*)***-аш»***.[1]

а) Сурати масъалаи модари разоии бародари насабӣ ин аст: мас., Ҷалилу Аҳмад ҳар ду бародарони аъёнии (аз як падару модар) насабӣ мебошанд. Ҷалил (яке аз бародарон) аз пистони зане бо номи Фотима шир нӯшид ва ҳукми ширхорагӣ барояш собит гардид. Аҳмад (бародари дигар) метавонад бо Фотима, ки модари разоии бародари насабиаш мебошад, ақди никоҳ бандад. Ҳамчунин гирифтани духтарони он зан (Фотима) барои Аҳмад дуруст аст, зеро Фотима ва духтаронаш ҳеҷ гуна нисбату пайванди ширхорагие бо Аҳмад надоранд, балки

лоф дар камтар аз панҷ разоат – шир хӯрдан ё массот – макидан аст, ки оё разоат бо он собит мешавад ё не. Ҷумҳури фуқаҳои аҳли Суннат, аз ҳанафиён, моликиён ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) ва бисёре аз саҳоба ва тобеин бар ин назаранд, ки разоат бо каму зиёди шир, ҳатто бо як бор макидан собит мешавад, ба шарте ки шир ба шиками тифл расида бошад, яъне онро фурӯ бурда бошад. Далели ҷумҳур дар ин масъала фармудаи Худои таъоло: **«Ва он модаронатон, ки шуморо шир додаанд»** аст, зеро Худованд дар ин оят разоатро ба макидани шир марбут намуда ва ба каму зиёди он ишора накардааст. Пас вақте феъл – хӯрдани шир мавҷуд шавад, ҳукми он низ собит мешавад. Ривоёте аз паёмбар (с) низ собит шуда, ки ин ҳукми оятро таъйид мекунанд, аз ҷумла вақте зане ба зану шавҳари нав издивоҷкарда гуфт, ки ҳар дуи шуморо шир додаам. Мард назди паёмбар (с) омад ва гуфт: Зане чунин даъво карда, вале вай дурӯғгӯ аст (ва суханаш эътибор надорад). Паёмбар (с) фармуд: ***«Чигуна бо ӯ, дар ҳоле ки даъво карда, ки ҳар дуятонро шир додааст»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 5104), паёмбар (с) он занро аз адади разоат ё массот чизе напурсид. Назди Абусавр (рҳ), Ибни Мунзир (рҳ), Абуубайд ва асҳоби завоҳир (пешвоёни мазҳаби зоҳирӣ) ҳукми разоат бо се разоат – се бор шир макидан собит мешавад, на бо камтар аз он (Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 420).

[1] Сунани Тирмизӣ, 1146, 1147. Ин ҳадис дар дигар китобҳои сиҳоҳи шашгона ба ин лафз омадааст: ***«(Барои шахс) аз ҷиҳати разоат ҳамон одамоне ҳаром мебошанд, ки аз ҷиҳати (қаробати насаб ва) вилодат (барои ӯ) ҳаром буданд»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2645, 2646, 3105, 5099, 5100; Саҳеҳи Муслим, 3568 (1444)-1, 3569 (…)-2. Вале ибораи охир дар онҳо наомадааст.

фарзанди разоии Фотима Ҷалил аст.

б) Сурати масъалаи хоҳари разоии писари насабӣ ин аст: мас., Халил фарзанди Аҳмад аз пистони зане бо номи Нурҷон шир нӯшид. Раҳима духтари Қосим ҳам аз пистони Нурҷон шир нӯшидааст. Ҳоло Халилу Раҳима бо ҳам бародару хоҳари разоӣ гаштаанд. Дар ин ҷо Аҳмад – падари Халил метавонад хоҳари разоии писари худ Раҳимаро ба занӣ бигирад.

Донишмандони исломӣ тамоми масоили вобаста ба мавзӯи ширхорагиро дар як байти тоҷикӣ ҷамъ овардаанд, ки бо таваҷҷуҳ ба он калиди мавзӯъ ба даст меояд:

Аз ҷониби ширдеҳ ҳама хеш шаванд,
Аз ҷониби ширхора завҷону фурӯъ.

Шарҳи мисраи аввал: Зани ширдеҳ модари ширхора ва шавҳари ширдеҳ падари вай мегарданд. Писарону духтарони дар синну сол гуногуни он зан бародарону хоҳарон ва набераҳои писарию духтарии вай бародарзодаҳо ва хоҳарзодаҳои ширхора мегарданд. Ба ҳамин шакл то охирин насл риштаи хешовандии разоӣ собит мешавад.

Модари зани ширдеҳ ва модари шавҳараш барои ширхора модаркалон (бибӣ) ва падари он зан ва падари шавҳараш барои ӯ падаркалон (бобо) мебошанд. Хоҳарони зани ширдеҳ ва хоҳарони шавҳараш холаҳову аммаҳои ширхора ва бародарони он зан ва бародарони шавҳараш тағоиҳо ва амакҳои ӯ мегарданд. Хулоса, ҳамон тавре ки дар насаб аммаву холаву ғайра тасаввур мешавад, дар разоат низ ҳама собит мегарданд.

Шарҳи мисраи дуюм: Фурӯъ ба ин маъност, ки худи тифли ширхора ва дар оянда фарзандону набераҳояш то охирин насл бо тамоми касоне, ки дар мисраи аввал шарҳи онҳо гузашт, қаробати ширхорагӣ пайдо мекунанд. Ба ин тартиб, ки вақте худи ширхора фарзанди зани ширдеҳ мегардад, фарзандони вай то охирин риштаи насл барои зани ширдеҳ ва шавҳараш набераҳо ба шумор мераванд.

Мақсуд ин аст, ки ҳар нисбате, ки фарзандони насабии зани ширдеҳ бо худаш доранд, фарзандони разоии ӯ низ ҳамон нисбатро бо вай пайдо мекунанд, ба монанди маҳрамияти абадӣ ва ғайра. Мас., Маҳмуд, ки аз пистони Фотима шир нӯшидааст, писари разоии Фотима мебошад ва фарзандони пуштии (насабӣ) Маҳмуд барои тамоми фарзандони Фотима бародарзодаҳои разоӣ мегарданд. Мас., Фотима Парвинаро шир додааст, Парвина духтари разоии Фотима мебошад. Фарзандону наберагони Парвина ҳама барои фарзандони разоӣ ва насабии Фотима хоҳарзода ҳастанд.

Вале хоҳарону бародарони насабии Парвина, ки аз Фотима шир нанӯшидаанд, бо фарзандони вай ҳеҷ қаробати шаръие надоранд. Бинобар ин, заношавҳарӣ дар байни бародарони насабии Парвина ва фарзандони пуштии Фотима ҷоиз аст».

Мурод аз завҷон ин аст: Мас., Зайнаб аз пистони Гуландом шир нӯшидааст, дар оянда шавҳари Зайнаб барои Гуландом домод мебошад. Гуландом хушдоман ва шавҳараш хусури он домод ба шумор меоянд ва маҳрами абадӣ мебошанд, зеро паёмбари акрам (с) фармуда: ***«Никоҳи духтари разоӣ бо падари разоӣ ҷоиз нест»***.[1]

8. Аҳкоми разоат бо нӯшидани шири ҳайвонот собит намешавад. Агар ду тифле аз шири як гов ё гӯсфанд нӯшиданд, байни онҳо разоат (ширхорагӣ) собит намешавад.

9. Иттифоқан духтари бокирае дар пистонаш шир пайдо шавад ва тифле дар синну соли субути разоат аз пистони вай як қатра шир нӯшад ё як бор макад, аҳком ва ҳурмати разоат собит мегардад. Мас., вақте он духтари бокира ба шавҳар барояд, ширхора барои худаш фарзанди разоӣ ва барои шавҳараш фарзанди зан мебошад, ки онро пешзода меноманд. Дар сурате ки миёни онҳо пеш аз анҷом гирифтани ҳамбистарӣ ва ё хилвати саҳеҳа ҷудоӣ афтад, он мард метавонад бо пешзодааш ақди никоҳ барқарор намояд.

10. Тифле дар аснои муддати субути разоат аз пистони зани мурдае шир нӯшад, аҳкоми разоат собит мегардад.

11. Агар аз чанд зан шир дӯшида шавад ва

[1] Бар ҳамин асос, писарбачае аз зане шир нӯшида ва ҳукми ширхорагӣ барояш собит гардида бошад, барои наберагони духтарии он зан тағои разоъӣ ва барои наберагони писариаш амаки разоъӣ мегардад ва бо онҳо издивоҷ карда наметавонад. Вақте як насл бигузарад, никоҳи писарони фарзанди разоъӣ бо наберагони насабӣ шаръан ҷоиз мегардад.

бо ҳам омехта ба чанд тифле нӯшонида шавад, миёни ҳамаи он занон ва тифлҳо аҳкоми разоат собит ва ҳама бо ҳам маҳрами абадӣ мегарданд.

12. Марде бо зане ақди никоҳ барқарор намояд ва пас аз анҷоми ақд зани дигаре даъво намояд, ки ҳар дуи онҳоро (марду занро) шир додааст, агар вай барои ин даъвои худ шоҳиде надошта бошад, гуфтааш эътибори шаръие надорад. Бояд барои собит шудани даъво ду марди одил ва ё як мард ва ду зан шаҳодат бидиҳанд.

Аммо агар зану шавҳар гуфтаи он занро на ба унвони ғаразнокӣ, балки ба гуфтаи холис ва насиҳати рост тасдиқ намоянд, беҳтар аст ба хотири эҳтиёт ва покичӯӣ аз идомаи заношавҳарӣ сарфи назар намоянд. Вале ҳокими шаръ ба гуфтаи як зан наметавонад ҳукми ҷудосозии онҳоро содир намояд.

13. Шахсе дар қайди никоҳи худ ду зан дошта бошад, яке бузургсол ва дорои шир ва дигаре хурдсолу ҳанӯз ширмак ва зани бузург зани хурдсолро, ки ҳанӯз даврони разоаташ нагузашта, шир диҳад, ҳар ду зан бар шавҳар ҳаром мегарданд. Дар сурате ки зани бузург аз рӯи ноогоҳию нодонӣ боғчун (палонҷ)-и худро шир дода бошад, бояд шавҳар маҳри ҳар дуро бидиҳад, ки барои зани хурдсол нисфи маҳр лозим аст.

Аммо агар бо мақсади фосид сохтани никоҳи шавҳараш ба вай шир дода бошад, маҳри худаш соқит мегардад ва барои зани хурдсол нисфи маҳр лозим мешавад.

14. Марде ду зан дошт, яке аз онҳо духтари Абдулғафурро ва яке дигараш писари Абдулмаҷидро шир доданд. Ин духтару писар минбаъд наметавонанд бо ҳам ақди никоҳ барқарор намоянд, агарчи аз ду зан шир нӯшидаанд. Аз он ҷо, ки шири ҳар ду бо ҳамбистарии як мард ба вуҷуд меояд, хоҳару бародари разоии ъаллотӣ (модарҷудо) мегарданд. Ҳамчуноне, ки ақди никоҳ дар миёни хоҳару бародари ъаллотии насабӣ ҷоиз намебошад, миёни хоҳару бародари ъаллотии разоӣ низ ҷоиз намебошад.

15. Ду зане, ки дар никоҳи як мард мебошанд, агар яке духтареро бо номи Фотима ва дигаре духтареро бо номи Раҳима шир доданд, минбаъд шахсе наметавонад Фотима ва Раҳима ҳар дуро ба никоҳи худ дароварад ва он дуро болои ҳам ҷамъ намояд, зеро Фотимаву Раҳима хоҳарони разоии ъаллотӣ ҳастанд, ки наметавон миёни он ду, ҳамчуноне миёни ду хоҳари ъаллотии насабист, ҷамъ намуд.

16. Барои субути разоат нӯшидани шир аз пистони як зан шарт аст, на як будани замони нӯшидан. Мас., як зан тифлеро дар синни бистсолагии худ, тифли дигареро дар синни бисту панҷсолагиаш, тифли сеюмро дар сисолагиаш ва чаҳорумро дар синни сиву панҷсолагиаш шир дод, ҳурмати (мамнӯъият) ширхорагӣ дар миёни зани васфшуда ва тамоми тифлоне, ки дар солҳои гуногун аз ӯ шир нӯшиданд, собит мешавад. Он зан барои тамоми онҳо модар мешавад, бо дар назардошти тафсилоте, ки гузашт.

17. Агар марде аз пистони зани худ шир нӯшад, занаш бар вай ҳаром намегардад, вале мард гунаҳкор мешавад. Албатта, агар зани бузургсолеро ба писарбачае, ки ҳанӯз даврони ширхорагияш сипарӣ нагаштааст, издивоҷ намоянд ва зан шавҳари хурдсоли худро шир диҳад, зан бар вай ҳаром мегардад.

18. Марде духтари ширхораеро ба никоҳи худ даровард ва пас аз муддате вайро талоқ намуда, зани бузургсолеро ба никоҳи худ даровард. Агар ин зан духтари ширхораеро, ки қаблан дар қайди никоҳи шавҳараш буда, шир диҳад, ин зани бузург бар шавҳари худ ҳаром мегардад, зеро ин зан дар воқеъ модари занаш ба шумор меравад. Разоате, ки баъд аз никоҳ собит шуда, мисли разоати пеш аз никоҳ мебошад.

19. Шахсе духтари ширхораеро, ки ҳанӯз даврони разоаташ сипарӣ нагаштааст, ба никоҳи худ даровард. Он гоҳ модар ё хоҳар ва ё духтари мард вайро шир дод, он духтари ширхора бар мард ҳаром мегардад, зеро ҳукми он ба мисли масъалаи гузашта аст.

20. Агар зане аз пистонаш дар бинии тифле шир дӯшид (ҷӯшид), ширхорагӣ собит мегардад, вале агар дар гӯшаш дӯшид, собит намегардад.

21. Шири занеро бо об ё давое (доруе) омехта, ба тифли ширхорае доданд, дар сурате ки шир аз обу даво бештар ва ё бо он баробар бошад, аҳкоми ширхорагӣ собит мешавад. Аммо агар обу даво аз шир бештар бошанд, разоат собит намешавад. Ҳамчунин агар шири занеро бо шири ҳайвоне омехта намуданд, аксарият эътибор дорад.

22. Табобат намудан бо шири зан дар зоҳири мазҳаб ҷоиз нест, вале ба қавли муфто биҳ,

агар шифо будани он аниқ бошад ва ғайр аз он давое пайдо нашавад, дар он сурат табобат бо он ҷоиз аст.[1]

Ин масъала фаръе аз масъалаи табобат бо чизҳои ҳаром аст. Дар зоҳири мазҳаб табобат бо чизҳои ҳаром ҷоиз нест ва чизҳои ҳаром ё айни онҳо наҷис (ҳаром) аст, ба монанди пешоби ҳайвоноти ҳалолгӯшт, ки табобат бо он, умуман, ҷоиз нест ва ё айни он ҳалол аст, вале истеъмоли он барои инсон мамнӯъ – ҳаром аст, ба монанди шири одамӣ. Ба таври умумӣ агар шифо будани чизи наҷис (ҳаром) барои дарде аниқ бошад ва ғайр аз он давои ҳалоле ёфт нашавад, истеъмоли он ба миқдори дафъи зарурат ҷоиз мегардад.[2]

Аз ин назари мутааххирин бармеояд, ки қавли зоҳири мазҳаб дар ҷоиз набудани табобат бо чизи ҳаром ба вақте бармегардад, ки шифо будани он аниқ набошад ва давои ҳалоле ғайр аз он ёфт шавад.[3]

Эзоҳ: *Дар гузашта чунин расм ривоҷ дошт, ки тифлҳои ширхора ва духтарчаҳои хурдсолро ба никоҳи калонсолон дармеовардand ва шавҳараш то калон шудани он мунтазир мешуд, он танҳо бастани ақд буд. Имрӯз дар ҷомеаи мо чунин расме тақрибан вуҷуд надорад.*

Камоли таваҷҷуҳ ва таъкидоти пураҳаммияте, ки ислом дар мавзӯи ширхорагӣ ва пайванди разоат намудааст, бештар ба хотири он аст, ки вақте чунин пайванди хешутаборӣ ва занҷираи хешовандӣ ба вуҷуд меояд, мардум сипосгузорона гиреҳҳои онро таҳким бахшанд ва аз бунёди хонавода ва никоҳи хоҳарону бародарон ва хешу табори разоӣ, ки ба манзалаи хоҳарону бародарон ва хешу табори насабӣ мебошанд, огоҳона худдорӣ намоянд. Бо маҳрамҳои разоии худ ақди заношавҳарӣ барқарор насозанд ва ояндаи худро покиза нигоҳ доранд.

23. Бо разоати шаръӣ дар байни зани ширдеҳ ва тифли ширхора танҳо аҳкоми маҳрамият ва хешутаборӣ собит мешаванд, на ҳуқуқҳои молӣ, ба монанди меросбарӣ аз якдигар, ҳаққи нафақа ва ғайра.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 390; ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Ҷ. 2. – С. 154.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 1. – С. 405, 406.

[3] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 1. – С. 406.

Бахши чаҳорум

КИТОБИ ТАЛОҚ

ٱلطَّلَٰقُ مَرَّتَانِ ۖ فَإِمْسَاكٌۢ بِمَعْرُوفٍ
أَوْ تَسْرِيحٌۢ بِإِحْسَٰنٍ

«Талоқ(-е, ки пас аз он зану шавҳар имкони бозгашт доранд) ду бор аст. Пас аз он ё нигаҳ доштани бо хубист ва ё раҳо кардан бо некӣ»

(Сураи Бақара, 2: 229).



Фасли аввал

ТАЛОҚ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

Талоқ дар луғат ба маънои бардоштани қайду банд ва раҳо кардан аст ва дар истилоҳи шариат талоқ аз ҳукми шаръие иборат аст, ки қайди никоҳ ва ресмони ақдро бо гуфтани калимаҳои махсус бардошта месозад ва ба ҳаёти заношавҳарӣ дар миёни марду зан хотима мебахшад.

Талоқ ба унвони охирин роҳи ҳалли қазияҳо (мушкилот) ва буҳронҳои даргирифта дар хонавода дониста шудааст ва он ҳам дар сурате ки дари тамоми роҳи ҳалҳо баста гардад, ба ичро гузошта мешавад. Агар чора ва илочи дигаре ғайр аз он барои ҳалли мушкилоти хонаводагӣ пайдо шавад, дар он сурат набояд ба он мутавассил шуд.

Ин ҷост, ки мебинем паёмбари акрам (с) дар суханони гаронмояи худ талоқро ба унвони ногувортарин ва бадтарин ҳалолҳо дар назди Худо гуфтааст.[1] Ё дар ҷои дигар баён шудааст: Зане, ки бе ҳеҷ узре аз шавҳараш дархости талоқ намояд, бӯи биҳишт ба машомаш (димоғаш) намерасад, яъне дарҳои биҳишт бар рӯяш баста аст.[2]

Бо ин ҳама, вақте зарурат пеш омад ва дигар роҳе барои созишу ҳамзистӣ боқӣ намонд ва идомаи заношӯӣ дар як чунин фазои пурташаннуҷе дигар имкон дорад ба рӯй додани ногувориҳои бештару бузургтаре бианҷомад, дар ин марҳала талоқ дармони талхест, ки барои бартараф намудани ташаннуҷу ихтилоф дар зиндагии хонаводагӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи шариати ислом тадорук дида шудааст.

Ислом барои таҳаққуқи ҳадафҳо ва ҳикматҳои бинои хонавода, идомаи бомуваффақияти зиндагонии заношавҳарӣ ва таҳкими пояҳои ҳаёти оилавӣ аз марду зан хостааст, ки ба ҳуқуқҳо ва масъулиятҳои дуҷонибаи худ нисбат ба якдигар ва робитаҳои неки ҳамсарӣ аз худ пойбандӣ нишон диҳанд ва дар баробари кӯтоҳиҳои якдигар ва норасоиҳои зиндагӣ бурдборӣ ва таҳаммулпазирӣ намоянд. Қуръони карим мефармояд:

وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا

«Ва ба онҳо бо некӣ (ва ба таври шоиста) муошират намоед. Агар онҳоро бад дидед, пас шояд шумо чизеро бад бинед, вале Худованд хайри бисёреро дар он ниҳода бошад».[3]

Дархости Қуръони карим дар ин оят аз бандаи муъмин он аст, ки ҳатто дар сурати дӯст надоштани ҳамсар низ бояд бо вай муносибати некро ба роҳ монад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳеҷ гоҳ марди муъмин набояд ҳамсари худро бад бинад ва бо ӯ душманӣ ва кина варзад. Зеро агар ахлоқ ва рафтореро аз ӯ нохуш дорад, ахлоқ ва сифатҳои дигаре аз вай ӯро писанд меоянд»***.[4]

Ислом дар ҷудо сохтани ақди никоҳ муқаррароти сахт ва низоми хосседро ба ичро даровардааст, то низоми хонавода ва муҳити оила-

---

[1] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки паёмбар (с) дар он мефармояд: ***«Бадтарин ва нохуштарини ҳалолҳо дар назди Худо талоқ аст»***. (Сунани Абудовуд, 2178; Сунани Ибни Моҷа, 2018).

[2] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки расули Худо (с) дар он мефармояд: ***«Ҳар зане бе узр ва сабабе аз шавҳараш дархости талоқ намояд, бар вай бӯи биҳишт ҳаром бошад»***. (Сунани Абудовуд, 2226; Сунани Тирмизӣ, 1187; Сунани Ибни Моҷа, 2055).

[3] Сураи Нисо, 4: 19.

[4] Саҳеҳи Муслим, 3633 (1469)-61.

вӣ ба осонӣ фурӯ напошад. Бар асоси қонуни шаръ бекор намудани ақди никоҳ дар зимни ҷараёни (протсесси) тӯлоние сурат мегирад, ки онро дар истилоҳи қуръонӣ талоқ меноманд.

Чӣ тавре гуфта шуд, ақди никоҳ аз дидгоҳи ислом ҷанбаи ибодатӣ дорад. Пас иҷозат надодааст, ки бо осонӣ ва ба монанди дигар қарордодҳо ва муомилоти инсон ҳар вақте яке аз ҷонибҳо бихоҳад, он бекор карда шавад ва ё бо дигаре баста шавад. Охир, инсон бар асоси паймони мустаҳкам ин ақдро барқарор месозад ва бо калимаи (қонуни) Худо ва дар зимни он паймони мустаҳкам занро барои худ ҳалол мегардонад. Илова бар ин, дунболаи наслаш аз вай ба вуҷуд меояд. Қонунҳои ҳакимонаи шаръ тамоми ин паҳлӯҳо ва пайомадҳои ақди никоҳро дар назар гирифта, аз ҳар гуна парокандагии беравия ва ба осонӣ аз ҳам гусастани ин занҷираи улфати инсонӣ манъ намудааст.

Ҳадафи аслии таълимоти ислом он аст, ки риштаи ақди никоҳ ба осонӣ аз ҳам бурида нашавад ва то поёни умр идома ёбад. Зеро таъсироти манфии ин ҷудоӣ танҳо ба зану мард маҳдуд намегардад, балки гоҳо ба барбод рафтани наслҳо, ба вуҷуд омадани укдаҳои равонӣ дар фарзандон ва ҳатто ба низоъу кашмакашҳои қавмӣ дар миёни хешу табори ду ҷониб меанҷомад. Бинобар ин, Қуръон ва суннат барои бартараф намудани буҳронҳо ва носозгориҳои оилавӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна осебҳои равонӣ ва укдаҳои эҳтимолӣ таълимоти ахлоқӣ ва низоми қонунии дақиқеро ба роҳ мондааст. Дар оятҳои 34–35-уми сураи Оли Имрон тарҳи (формулаи) онро ба таври дақиқ баён намудааст, ки дар мавзеи худ ба тафсил баён мешавад.

Ба ҳар ҳол, гоҳе тамоми кӯшишҳои ислоҳталабона ба натиҷаи мусбате намерасанд ва самароти дилхоҳро намедиҳанд ва роҳе ҷуз ҷудоӣ дар пеши онҳо боқӣ наемонад. Бо ҳам мондани онҳо дигар эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарарҳои бузурги ҷисмӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто иқтисодиро дорад. Вақте тамоми чорабиниҳо беасар ва тамоми роҳҳо ба марҳалаи сарбастае расиданд, дар он сурат ҷудоии зану мард дар назари шариат аз ба ҳам мондани онҳо беҳтар дониста мешавад ва ба ҷудоии эшон дар зимни маҷмӯаи қонунии талоқ иҷозат медиҳад. Ислом пас аз ба вуҷуд омадани ин ҳолати изтиторӣ ва вазъи ислоҳнопазир барои пешгирӣ аз оқибатҳои пешгӯинашуда ва зарарҳои васеътаре талоқро ба унвони охирин роҳи ҳал пешбинӣ менамояд. Ишора ба ҳамин аст, ки дар зимни роҳнамоиҳои Расули Худо (с) омадааст: ***«Талоқ зиштарин ва бадтарини ҳалолҳо дар назди Худо мебошад»***.[1]

Дар айни ҳол, ислом ҷанбаи отифӣ ва ҳолати эҳсосотро дар онҳо дар назар гирифта, мардро, ки устувории кори ақлу андеша, тааммул ва дурнигарӣ дар корҳо ва камтар дода шудан ба ангезаҳои эҳсосот фитратан дар вай ҳолати пойдортаре доранд, меҳвари ақд ва соҳиби талоқ донистааст. Дар сурати зулму ситами шавҳар ба зан низ ин ҳақро додааст, ки ба додгоҳи шаръ муроҷиат намояд ва аз тариқи он фасхи никоҳ ва талоқи худро, вақте ба ҳамзистии онҳо дигар ҳеҷ умеде боқӣ намонда бошад, ба даст оварад.

Илова бар ин, ислом тавсияҳои зиёде ба онҳо (зану шавҳар) намудааст, ки пас аз он ҳама заруратҳо ба ҷудоӣ боз талоқро дар ҳолати хашму ғазаб ва ё ҳаводиси ногувори дигар ба иҷро дарнаоваранд. Аз ин ҷост, ки талоқ дар ҳолати ҳайзи зан ва ё пас аз наздикии ҷинсӣ ҳаром ва хилофи суннат дониста шудааст. Зеро ин кор ба ҷониби зан зарар мерасонад ва муддати иддаи ӯро бештар мегардонад. Ҳайзе, ки дар он талоқ гардидааст, аз идда ба шумор намеравад ва иддаашро бояд аз покӣ ва ё ҳайзи баъдӣ шурӯъ намояд. Дар покие, ки бо вай ҳамхобагӣ намуда бошад, агар бордор гардад, иддааш то замони вазъи ҳамлаш дароз мегардад. Бинобар ин, шариат талоқро дар ин ду ҳолат хилофи суннат ва ҳаром донистааст. Дар ояти якуми сураи «Талоқ» мефармояд: **«Занони худро дар замони муносиб бо иддаашон талоқ намоед»**.

Ислом барои қатъ намудани ақди никоҳ се марҳаларо ба сурати як талоқӣ, идда ва пойбандиҳои дигареро муайян намудааст ва то поёни муҳлати идда ҳанӯз бисёре аз пайвандҳо ва робитаҳо дар миёни марду зан боқӣ хоҳанд монд. Зан наметавонад дар ин муддат ба марди дигаре ба шавҳар барояд, мард дар талоқи раҷъӣ ҳаққи бозгашт ба ҳамсарашро дорад, дар тамоми муддати идда ҳаққи нафақа, ҷои хоб ва ғай-

[1] Сунани Абудовуд, 2178; Сунани Ибни Моҷа, 2018. Ҳадисро заъиф гуфтаанд.

ра ҳанӯз бар уҳдаи мард мебошанд, бар хилофи қарордодҳои дуҷонибаи дигар, ки бо бекор гаштани қарордод ва муомила дигар тарафҳо озод ҳастанд ва метавонанд фавран бо тарафи сеюм қарордоди наве ба имзо расонанд.

Вақте мард бо калимаҳои мушаххас ва ибораҳои равшане, ки дар корбурди забонӣ аслан барои талоқ гузошта (вазъ) шудаанд, занашро як ё ду талоқ намояд, талоқи рақъӣ воқеъ мешавад ва бо ин навъи талоқ ақди никоҳ ҳанӯз ба таври комил нашикастааст, балки то поёни идда бисёре аз пайвандҳо ва робитаҳои қаблӣ ҳанӯз побарҷо ва барқарор мебошанд. Чӣ тавре мебинем, ислом таълимоти дақиқ ва низоми махсусеро дар ин замина пешбинӣ намудааст, то тамоми фурсатҳоро якбора аз дасти онҳо нагирад, балки бо фароҳам овардани ин имконият онҳоро бори дигар ба андеша водорад ва агар дар ин муддат бо ҳам алоқамандие ба зиндагии якҷоя намуданд, ба осонӣ ба оғӯши якдигар мурочиат намоянд. Вале ба хотири он ки аҳкоми шариат ва никоҳу талоқ ба сурати бозичае дар дасти баъзе сабукфикрон дарнаоянд, доираи ин имкониятро ба як ва ё ду талоқи рақъӣ маҳдуд намудааст.[1]

РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ПЕШНИҲОДИИ ҚУРЪОН

Ба ҳар сурат Қуръон роҳи ҳалҳоеро барномарезӣ ва бар фарорӯи муъминон қарор додааст ва аз онҳо хостааст, ки пеш аз даст задан ба талоқ ва бастани пеши роҳи тамоми чораҳо ба он равишҳои пешгирикунанда мутавассил шаванд.

Пеш аз ҳама Худованд дар ояти 21-уми сураи Рум асосҳои муҳиммеро баён намудааст, ки бунёди хонавода ва таҳдоби оила бар пояи онҳо бино меёбад, он ҷо, ки мефармояд:

وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا
لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً
إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

«Ва яке аз нишонаҳои (қудрат ва намунаҳои илму ҳикмати) Худованд он аст, ки барои шумо аз навъи худатон ҳамсароне офарид, то дар канори онҳо оромиш (ва сукунат) пайдо намоед ва дар миёни шумо маваддат (муҳаббату дилбастагӣ) ва раҳмат (меҳрубонӣ ва дилсӯзи)-ро ба вуҷуд овард. Албатта, дар ин (равиши зебои офариниш) барои одамоне, ки андеша менамоянд, оятҳо ва нишонаҳое вуҷуд дорад».

Қуръони карим дар се калимаи ин оят: «оромиш», «маваддат» ва «раҳмат» тамоми фалсафаи бунёди хонавода ва ҳадафҳои асосии ба вуҷуд овардани оиларо бозгӯ намудааст. Бар асоси таълимоти дини мубини ислом асоси зиндагонии хонаводагӣ ва меҳвари бинои оиларо бояд ҳамин се чиз ба вуҷуд ованд. Ҳадафи нахустини бинои оила он аст, ки онҳо (зану шавҳар) ва пас аз он фарзандон оромиши равонӣ, иҷтимоӣ ва ғаризаҳо (майлҳо)-и ҷисмонии худро дар оғӯши гарми он пайдо намоянд. Онҳо бо вуҷуди якдигар ин фароғи ҳамагирро дар зиндагӣ пур менамоянд.

Ин оят бо камоли эъҷоз ва зебоӣ фалсафаеро аз ҳаёти муштараки марду зан баён намудааст, ки дигар ҷое барои хушунат, нафрат аз якдигар ва бурузи ҳар гуна мушкилот ва ташаннуҷро дар зиндагонии шахси дорои маърифати динӣ боқӣ намегузорад. Зеро хушунат, зӯроварӣ ва ҳар гуна ташаннуҷе аслан бо ҳадафҳои асосии бинои оила (оромиш, маваддат ва раҳмат) дар танокуз мебошад. *Хушунату оромиш, бадбиниву муҳаббат ва ташаннуҷу дилсӯзӣ бар асоси бадеҳиёти мантиқӣ, ки ду чизи зид ҳаргиз бо ҳам ҷамъ намеоянд, бо ҳам ҷамънопазиранд.* (Ин матлаб дар фасли «Ҷойгоҳи зан дар ислом» пайгирӣ мешавад).

Бо баррасии фалсафаи ин се асл: оромиш, маваддат ва раҳмат, ба ин нуктаи муҳим мерасем, ки фарҳанг ва тамаддуни бузурги исломӣ аслан фарҳанги оромиш, дӯстӣ, ҳамзистии мусолиматомез ва шафқату дилсӯзист.

[1] Иқтибос аз Тафсири навини Қуръони карим зимни тафсири ояти 229 сураи Бақара.

Фасли дуввум

ШАРОИТИ ТАЛОҚДИҲАНДА

Шариати ислом барои танзими раванди ҷудоии марду зан, ҳифзи манофеи қишрҳои гуногуни ҷомеа ва ҳарчи маҳдудтар намудани доираи фурӯпошии хонаводаҳо барои рукни талоқ, шахси талоқдиҳанда ва дигар умури марбут ба он шароитеро дар назар гирифтааст, ки агар яке аз онҳо фароҳам наомада бошад, талоқе воқеъ намешавад.

Рукни талоқ иборат аст аз лафз ва вожае, ки дар луғат барои ифодаи талоқ вазъ гардидааст ва ё дар истилоҳи шаръ барои он ба кор бурда мешавад ва ё ишорае, ки ба он далолат намояд ва ҷойнишини лафз гардад. Он дар мабҳаси сиғаи талоқ ва лафзҳои сареҳу киноя зикр мешавад.

Аммо шартҳое, ки барои шахси талоқдиҳанда дар назар гирифта шудаанд, иборатанд аз **шартҳои таклиф**:

а). Яке аз шартҳои таклиф ақл ва дигаре синну соли балоғат аст ва бояд дар шахси талоқдиҳанда мавҷуд бошанд. Ба ин маъно, ки шахси талоқдиҳанда бояд оқил ва болиғ бошад. Агар яке аз ин шартҳо – ақл ва синни балоғат – дар шахси талоқдиҳанда мавҷуд набошад, талоқ воқеъ намешавад. Бинобар ин, талоқи шахси девона (маҷнун), ноқисулақл (маътӯҳ) ва навҷавоне, ки ба синни балоғат нарасидааст, воқеъ намешавад. Аммо бо дастури додгоҳ ва амри қозӣ метавон девона ва кӯдакро аз аёлашон бо назардошти шароити махсус аз ҳам ҷудо сохт.

Дар қонуни аҳволи шахсии Миср марҳалаи синну солии аҳлияти шахс барои талоқро бисту яксолагӣ ва дар қонуни Сурия ҳаждаҳсолагӣ эътибор кардаанд. Ба назар мерасад қонуни аҳволи шахсӣ дар Сурия ба яке аз қавлҳои мазҳаби ҳанафӣ дар ин бора мутобиқат дорад, Зеро писар дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар синни ҳаждаҳсолагӣ ба балоғат мерасад.[1]

Дар банди якум ва дуюми моддаи 85-и қонуни аҳволи шахсии Сурия дар ин бора омадааст:

1. Мард дар тамоми синни ҳаждаҳсолагӣ дорои аҳлияти комил барои талоқ мегардад.

2. Қозӣ метавонад талоқи шахси болиғро пеш аз синни ҳаждаҳсолагӣ, агар вазъ онро талаб намояд, иҷозат диҳад ва ё ба ҷавози он амр намояд.[2]

б) Шарти дигари таклиф фаъол будани ирода ва дарку ҳуш аст. Ба ин маъно, ки дар вақти талоқ **бедор ва ҳушёр** бошад. Агар шахсе дар ҳолати хоб ва ё беҳушӣ аёли худро талоқ диҳад, ба тавре ки калимаҳои «талоқ» аз даҳонаш берун оянд ва шунида шаванд, вале худаш дар хоб ва ё беҳуш бошад, талоқ воқеъ намешавад. Зеро дар ҳолати беҳушӣ нерӯи ақл ва дарк дар инсон аз фаъолият бозмондааст ва дар ҳолати хоб ихтиёр ва ирода аз дасташ берун аст, яъне он беирода ва беихтиёр аз вай содир шудааст.

в) Талоқи шахси мукраҳ (маҷбуршуда) дар мазҳаби ҳанафӣ воқеъ мешавад. Бинобар ин, агар шахсеро маҷбур ва таҳдид намуданд, ки занашро талоқ намояд, мас., ба вай гуфтанд, агар ҳамсарашро талоқ надиҳад, ӯро хоҳанд кушт ва вай маҷбуран ҳамсарашро талоқ дод, талоқ воқеъ мешавад. Зеро шахси мукраҳ, агарчи ба таври маҷбурӣ он корро анҷом дода ва ба он розӣ набошад ҳам, қасди талоқ аз вай содир шудааст ва вай зарари сабуктарро барои худ ихтиёр намудааст.

Дар назди ҷумҳури аимма талоқи шахси мукраҳ воқеъ намешавад, зеро икроҳ (иҷбор) ва ихтиёр ҳар ду бо ҳам ҷамъ намеоянд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Худованд се чизро аз уммататам бароям гузаштааст: хато, фаромӯшӣ ва он чизе, ки ба он маҷбур сохта шаванд»***.[3]

[1] Масъалаи синну соли балоғат дар мавзӯи «Синни балоғат» ба таври муфассал пайгирӣ мешавад.

[2] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 355.

[3] Сунани Ибни Моҷа, 2043

г) Талоқи маст, агар ба тариқи ҳаром, яъне бо истеъмоли машрубот ва маводи мастиовар, ки аз назари шаръ ҳаром дониста шудаанд, маст шуда бошад, воқеъ мешавад. Шахсе, ки машруботи масткунандаро истеъмол менамояд, аз назари шариати ислом дар собит шудани аҳком дар ҳукми оқил аст. Бар ҳамин асос, агар касе шароб, ҳашиш,[1] афюн[2] ва ё маводи масткунандаи дигаре истифода барад ва дар ҳолати мастӣ ҳамсари худро талоқ кунад, талоқ воқеъ мешавад.

Аммо агар бо истеъмоли маводи доруӣ ва гиёҳон ба тариқи ҳалол ё бо хӯрдани афюн барои табобат ё бо маҷбуран нӯшонида шудани машруботи масткунанда ва ё бо нӯшидани онҳо ба таври изтирорӣ маст ва беҳуш гардад[3] ва ё ба сабаби судоъ (сардард) пас аз нӯшидан беҳуш шавад ва ҳамсарашро дар ҳоли мастӣ ва беҳушӣ талоқ диҳад, воқеъ намешавад.[4]

Дар назди мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат ба қавли роҷеҳ талоқ дар сурати якум воқеъ мешавад, ҳамон гуна ки бо иттифоқи тамоми мазоҳиби аҳли суннат дар сурати дуюм талоқе воқеъ намешавад.

Вале дар қавле аз имом Шофеъӣ (рҳ) ва дар ривояте аз имом Аҳмад (рҳ) талоқи маст умуман воқеъ намешавад ва ин қавлро аз байни аиммаи мо имом Зуфар (рҳ), имом Таҳовӣ ва Кархӣ ихтиёр намудаанд.[5] Зеро шахси маст дар ҳолати беҳушӣ ва берун аз ирода қарор дорад ва вай дар ин ҳолат ба манзалаи маҷнун ва маътӯҳ аст.

ғ) Талоқ дар ҳолати хашму ғазаби одӣ воқеъ мешавад, вале аз шахси мадҳуш ба иттифоқи ҳамаи мазҳабҳои аҳли суннат воқеъ намешавад.[6] Мадҳуш ба он шахсе гуфта мешавад, ки дар натиҷаи асабонияти сахт ва ё аз шиддати ғазаб ба дараҷаи бехудӣ расидааст ва ё вазъи равониаш ба ҳадде мунфаъил ва афсурда гардидааст, ки рафтору гуфтораш дучори ошуфтагӣ ва ихтилол гардидаанд. Ҳолати аввалро дар илми равоншиносӣ аффект (ҳаяҷони сахти отифӣ ва аз даст додани идораи асабҳои худ) мегӯянд ва ҳолати дуюм ҳам, ки дар он тавозуни ақлиро ба гунае аз даст додааст, аз дараҷаи хастагии равонӣ (стресс) болотар ва ба ҳолати аффект наздик аст.

Дар қонуни аҳволи шахсии Миср (моддаи 25) ва Сурия (моддаи 89) дар бораи мадҳуш қавли ҷумҳур (аз ҷумла мазҳаби ҳанафӣ), дар бораи маст назари дуюм ва дар бораи мукраҳ назари

---

[1] Ҳашиш моддаи карахтсозанда ва масткунандае аст, ки аз барги канаб таёр карда мешавад.

[2] Афюн моддаи давоӣ ва масткунандае аст, ки аз шираи хашхош (кӯкнор) ҳосил мешавад.

[3] Дар бораи вуқӯи талоқ аз шахсе, ки ба таври маҷбурӣ машрубот ва ё маводди масткунанда нӯшонида шавад ва ё дар ҳолати изтирорӣ аз онҳо бинӯшад ва маст шавад, дар назди фақеҳони мазҳаб ду қавл вуҷуд дорад: Яке он ки талоқ дар ин ҳолат воқеъ намешавад ва ин назари соҳиби Туҳфа ва ғайри он аст. Соҳиби Фатҳ (Ҷ. 3. – С. 472, 473) ва соҳиби Радд (Ҷ. 4. – С. 433) низ воқеъ нашудани талоқро дар ин ҳолат таъйид намудаанд. Қавли дуюм он аст, ки талоқ дар ин ҳолат низ воқеъ мешавад ва соҳиби Хулоса ва бисёре аз фақеҳон ин назарро таъйид намудаанд.

[4] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 141; Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 472-474; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 432, 433.

Дар ҳошияи Ҳидоя овардааст: Ҳамчунин агар (барои давоӣ) афюн бихӯрад ва (ё) шири асп (қимиз) бинӯшад ва маст шавад, талоқаш дар он ҳолат воқеъ намешавад. (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 141).

Дар ҳошияи Ҳидоя (Ҷ. 3. – С. 141) ҳамчунин овардаааст, ки агар ақлаш бо истеъмоли банг ва даво зоил шавад, талоқи вай дар он ҳолат бо иттифоқ (иҷмоъ) воқеъ намешавад. Вале дар ҳошияи Мухтасари Қудурӣ пас аз зикри ин қавл овардааст, ки дар «Ҷавоҳир» омадааст: Ва дар ин замон вақте аз (истеъмоли) банг маст шавад, талоқи вай дар он ҳолат аз боби заҷр воқеъ мешавад ва фатво бар ҳамин қавл аст. (Мухтасари Қудурӣ. – С. 503).

Шоёни зикр аст, ки дар Радду-л-муҳтор низ ба тасҳеҳи Қудурӣ аз Ҷавоҳир ишора кардааст, он ҷо ки овардааст: Ва дар ин замон вақте аз (истеъмоли) банг ва афюн маст шавад, талоқи вай дар он ҳолат аз боби заҷр воқеъ мешавад ва фатво бар ҳамин қавл аст. Қайди «аз боби заҷр» ба ин маъност, ки агар онҳоро барои давоӣ бихӯрад, ҷое барои заҷр бокӣ намемонад.

[5] Мурод аз маст дар ин ҷо ниҳояти мастӣ аст, ки шахс дар он дигар заминро аз осмон (ва мардро аз зан) нашиносад. (Ҳошияи Ҳидоя. – Ҷ. 3. – С. 141).

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, ба монанди Ибни Ҳумом ва Ибни Обидин), ба ин дараҷа расидани мастӣ дар ин мавридҳо (ғайр аз масъалаи ҳад) шарт нест, балки гуфтани ҳазён ва ихтилол дар калом кифоя аст. (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 432).

Агар мастии шахс ба ин дараҷа нарасида бошад, вай дар ҳукми ҳушёр ва оқил аст ва суханонаш шаръан эътибор доранд.

[6] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. –С. 468; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 438-440.

Дар Радду-л-муҳтор овардааст: Ҳамин ҳукм аст дар ҳаққи касе, ки ба сабаби пирӣ ё беморие ва ё мусибати ногаҳоние ба ихтилоли ақлӣ (ва равонӣ) мубтало шуда бошад. То замоне, ки дар рафтор ва гуфтораш он ҳолати ихтилол ба мушоҳида мерасад, суханонаш (шаръан) эътиборе надоранд. (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 439).

ҷумҳур (ғайри мазҳаби ҳанафӣ) ба эътибор гирифта шудааст. Дар қонуни Сурия дар ин бора омадааст:

1. Талоқи маст, мадҳуш ва мукраҳ воқеъ намешавад.

2. Мадҳуш шахсе аст, ки аз (шиддати) ғазаб ва ё ба сабаби дигаре дарку ҳушашро аз даст додааст.[1]

д) Талоқ аз шахси лол (гунг) бо ишора воқеъ мешавад. Зеро ишораҳои маълум ва мушаххас дар ҳаққи ӯ дар ҳукми калом ҳастанд. Аммо агар шахси лол хуб китобат карда битавонад, талоқаш бо ишора ҷоиз намешавад.

Талоқ ва никоҳи шахси дорои қобилияти нутқ дар назди ҷумҳур бо ишора воқеъ ва ҷоиз намегарданд. Зеро ишораи мушаххас ва фаҳмо танҳо дар ҳаққи шахси лол шаръан ба эътибор гирифта шудааст.

Дар қонуни аҳволи шахсии Сурия (моддаи 87/1) омадааст: «Талоқ бо лафз ва бо китобат воқеъ мешавад ва аз шахси оҷиз аз нутқ ва китобат бо ишораи мушаххас ва фаҳмо воқеъ мешавад».

Дар банди сеюми он омадааст: «Талоқ аз шахси гунг ё забонгирифта бо ишораи равшане, ки дар ишораҳои гунгон ба вуқӯъи талоқ далолат мекунад, воқеъ мешавад, вақте аз китобат оҷиз бошад».[2]

з) Шарти дигари вуқӯъи талоқ бо ирода ва ихтиёр ба забон овардани лафзҳо ва вожаҳои ифодакунандаи талоқ аст, ҳарчанд ҳукм ва маънои онҳоро дарназар надошта бошад. Бинобар ин, талоқи шахси ҳазлкун воқеъ мешавад. Агар шахси дорои шароити фавқ ба тариқи ҳазлу шӯхӣ ба ҳамсараш бигӯяд: Туро талоқ кардам ва ё ту талоқ, занаш талоқ мешавад. Зеро вай бо ирода ва ихтиёри худ лафз ва вожаҳоеро, ки барои ин кор вазъ шудаанд, ба забон овардааст, ҳарчанд ҳукми онро нахоста бошад. Расули Худо (с) дар ин бора мефармояд: ***«Се чиз аст, ки ҷиддият ва ҳазл дар онҳо ҷиддӣ аст: никоҳ, талоқ ва руҷӯъ»***.[3]

Бар ҳамин асос, талоқи шахс ба ваҷҳи хато дар назди ҷумҳури аҳли суннат – мазҳаби ҳанафӣ, моликӣ ва ҳанбалӣ ба ҷуз шофеъӣ – аз рӯи қазо (ҳукми судӣ) воқеъ мешавад, ба монанди шахсе, ки мехост каломе бигӯяд, вале нохост (беирода) лафзи талоқро ба забон овард. Зеро он, ҳарчанд беирода ба забонаш омада бошад ҳам, онро бо ихтиёри худ талаффуз кардааст.

Аммо касе таҳқиқ (анҷом)-и талоқро бо гуфтани лафзҳо ва вожаҳои ифодакунандаи он надошта бошад, ҳарчанд онҳоро дониста ва огоҳона талаффуз намояд ҳам, талоқе воқеъ намешавад, ба монанди фақеҳ ва мударрисе, ки он калимотро бо мақсади таълим такрор менамояд ва ё шахсе, ки онҳоро ба тариқи ҳикоя аз номи худ ва ё аз номи шахси дигаре нақл менамояд ва ё хоби худро нақл мекунад.

е) Талоқ ба ҳузури шоҳид зарурате надорад. Шахс дар ҳузури худи ҳамсараш ва ё худ дар танҳоӣ агар занашро талоқ диҳад, талоқ воқеъ мешавад.

ё) Талоқ бо мукотиба ҳам сурат мегирад. Мас., аз ҷои зисти худ номае хитоб ба ҳамсараш менависад, ки ту талоқ ва ё туро талоқ додам, аз ҳамон лаҳзаи навиштани нома ҳукм эътибор пайдо мекунад, яъне талоқ воқеъ мешавад ва аз ҳамон дам идда шурӯъ мешавад. Аммо агар дар нома навишт: Вақте номаи ман ба ту расид, ту талоқ, талоқ аз вақти расидани нома ҳисоб мешавад.

Номаҳое, ки ҳукми талоқ дар онҳо китобат мешавад, ба мисли дигар мактубҳо ба ду навъанд: номаи расмӣ ва ба ном, номаи ғайрирасмӣ ва бе унвон. а) Номае, ки ба номи ҳамсараш оғоз шуда, талоқ ба унвони вай ирсол шуда бошад, ҳукми сареҳи талоқро дорад ва ба ҳамон сурате, ки дар он зикр гардидааст, воқеъ мешавад, хоҳ талоқро ният карда бошад хоҳ не. б) Номае, ки ба таври умумӣ навишта шуда, ба номи ҳамсараш оғоз нагардида бошад, ба ин тариқ ки дар варақе навишта бошад: Занам фалонӣ талоқ, он ҳукми киноя талоқро дорад. Агар аз он нияти талоқро дошта бошад, тибқи нияташ воқеъ мешавад, вале агар нияти онро надошта бошад, чизе воқеъ намешавад.[4]

Дар банди дуюми моддаи 87 қонуни аҳволи шахсии Сурия дар ин бора омадааст: «Талоқ бо китобат воқеъ мешавад, ба ин тариқ ки ба ҳамсараш номае бинависад ва дар он ӯро аз та-

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 353.
[2] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 372.
[3] Сунани Ибни Моҷа, 2039.
[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 442, 443; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 369, 371.

лоқаш хабар диҳад».[1]

ж) Талоқ ба василаи вакил ва намоянда, яъне ба тариқи ваколат низ воқеъ мешавад. ба ин тариқ ки шахсеро вакил мекунад, ки занашро аз ҷониби вай талоқ диҳад.

з) Талоқ бо пайғом низ воқеъ мешавад, ба ин тариқ ки талоқи ҳамсарашро ба воситаи шахсе ба вай мефиристад ва шахси қосид пайғоми мардро ба ҳамон сурат ба занаш мерасонад. Он ҳукми талоқи сареҳро дорад.

и) Талоқ ба тариқи тафвиз – супоридани талоқ ба зан низ воқеъ мешавад. Тафсили ин масъала дар мавзӯи «Тафвизи талоқ» баён мешавад.

Шоёни зикр аст, ки дар тамоми ин суратҳо – талоқ аз шахси лол, талоқ бо мукотиба, ваколат ба талоқ, талоқ бо пайғом ва тафвизи талоқ ба зан – бояд мард оқил, болиғ, бедор ва ҳушёр бошад.

й) Талоқ бо гузаронидани ба дил воқеъ намешавад, яъне то шахс онро ба забон талаффуз накунад, воқеъ намешавад.

Шарте, ки барои дуруст гардидани вуқӯъи талоқ дар бораи маҳалли талоқ – зан дар назар гирифта шудааст, иборат аст аз субути мулк ва ё субути ҳукми никоҳ ба тариқи ақди саҳеҳ ва он ду ҳолат дорад:

а) Зан бо ақди саҳеҳ дар қайди никоҳи мард бошад.

б) Дар давраи идда аз талоқи раҷъӣ бошад, зеро ҳанӯз пайвандҳои заношавҳарӣ дар байни онҳо дар ин муддат ба гунае барқарор ҳастанд.

Аммо агар дар давраи идда аз талоқи боин бо байнунаи кубро (сеталоқа) бошад, нисоби талоқ дар ҳаққи вай ба поён расидааст ва дигар талоқе бар вай воқеъ намешавад. Дар муддати идда аз талоқи боини якталоқа ва дуталоқа дар назди машоихи ҳанафӣ талоқи сареҳ ба он мепайвандад.

Пас аз ба поён расидани иддаи зан аз талоқи раҷъӣ он низ ба талоқи боин табдил меёбад ва дигар ҷое барои талоқ боқӣ намемонад.

Барои барҳам додани никоҳи фосид низ талоқе пешбинӣ нашудааст, балки онҳо (марду зан) дар никоҳи фосид бояд ба тариқи фасх аз ҳам ҷудо карда шаванд.

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 372.

НАВЪҲОИ ТАЛОҚ

Дини мубини ислом дар ҳар коре дарки зебоӣ ва накӯ анҷом гирифтани онро дӯст медорад, ҳарчанд кори ҳақир ва камарзише бошад. Ба ҳамин хотир, барои тамоми корҳо одоб ва расму роҳе гузоштааст. Барои талоқ низ расму роҳе гузошта, ки дар сурати вуқӯъ риояи он равиш беҳтар аст.

Дар китобҳои фиқҳ талоқро ба ду навъ: суннӣ (ба таври суннат) ва бидъӣ (хилофи суннат) тақсим менамоянд. Талоқи суннӣ ё ба таври суннат ба ду навъ: талоқи ҳасан ба маънои хуб ва талоқи аҳсан ба маънои хубтар тақсим мешавад.[2] Талоқи маснун дар ду маъно собит аст, ки яке ба адади талоқ ва дигаре ба вақти он бармегардад.

Талоқи ҳасан он аст, ки мард ҳамсари мадхулаи худро дар се туҳр (покӣ) се талоқ – дар ҳар покие як талоқӣ намояд.

Талоқи навъи аҳсан он аст, ки мард ҳамсарашро вақте як талоқ медиҳад, ки аз одати моҳонаи худ пок гашта ва дар он покӣ ба ӯ наздикӣ накардааст. Ва вайро ба ҳамон ҳол мегузорад, то иддааш бигзарад, яъне се бор ҳайз бинад ва пок гардад. Ин ду мисол ба маънои суннат дар вақти талоқ аст ва он хос ба зани мадхула[3] аст. Мисоли аввал барои суннат дар адади талоқ низ созгор аст ва аз ин ҷиҳат мадхула ва ғайримадхуларо шомил мебошад, яъне як талоқро дар ҳаққи онҳо воқеъ созад.

Аз ҷумла соҳиби китоби «Анису-н-нисо» мефармояд: Талоқи суннӣ талоқест, ки мувофиқи роҳнамоиҳо ва иршодоти паёмбари акрам (с) сурат гирифта бошад ва чунин талоқе бо фароҳам омадани се шарт таҳаққуқ меёбад:

[2] Дар Ҳидоя талоқ ба се навъ: ҳасан, аҳсан ва бидъӣ тақсим шудааст (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 4. – С. 130).

[3] Мадхула дар истилоҳи фуқаҳо ба зане гуфта мешавад, ки шавҳараш пас аз ақди никоҳ бо вай ҳамбистар шуда бошад, муқобили ғайримадхула ва бокира; зане, ки бо вай духул сурат гирифта бошад. Ғайримадхула ба зане гуфта мешавад, ки пас аз ақди никоҳ шавҳараш бо вай ҳамбистар нашуда бошад.

Духул истилоҳи фиқҳӣ, ба маънои аввалин бор ҳамбистар шудани мард бо занаш пас аз ақди никоҳ аст, ки осор ва пайомадҳои ҳуқуқиро ба ҳамроҳ дорад. Дар мадхула низ қайди «аввалин бор» вуҷуд дорад. Зеро бо як бор ҳамбистарӣ ва ватӣ зан мадхула мегардад ва аз бокира будан хориҷ мешавад.

1. Талоқ фақат як талоқи рақъӣ бошад.

2. Талоқ дар вақти одати моҳонаи зан воқеъ нагашта бошад.

3. Дар туҳре (покие), ки бо занаш ҳамбистар нагардида, вайро талоқ дода бошад.

Агар дар вақти талоқ ин се шарт риоя шуда бошанд, талоқе, ки воқеъ мешавад, талоқи суннӣ аст.

Талоқи бидъӣ ё хилофи суннат низ ба ду навъ тақсим мешавад: бидъӣ дар маъное, ки ба адади талоқ ва бидъӣ дар маъное, ки ба вақти талоқ бармегардад.

Талоқи бидъӣ, ки ба адад бармегардад, он аст, ки мард ҳамсари худро бо як калима (се талоқ) ё бо калимоти мутафарриқа – ҷудо-ҷудо (бо се калима) дар як туҳр (покӣ) се талоқ намояд ё ӯро дар як туҳр бо як калима ё бо ду калима ду талоқ кунад, мадхула бошад ё не, ҳайзбин бошад ё не. Вақте занашро ба ин тариқ талоқ кард, он воқеъ мешавад ва мард осӣ мегардад. Талоқи бидъие, ки ба вақт бармегардад, он аст, ки мард зани мадхулаашро, ки ҳайзбин бошад, дар ҳолати ҳайз ё дар туҳре, ки бо вақт муҷомаат (ҳамхобагӣ) кардааст, талоқ намояд. Дар Ҳидоя овардааст: Мард вақте занашро дар ҳайз талоқ намояд, он воқеъ мешавад ва мустаҳаб аст, ки ба ӯ бозгашт (руҷӯъ) кунад ва ин қавли баъзе машоих аст ва саҳеҳтар он аст, ки руҷуъ воҷиб аст, то ба ҳақиқати амр (дар ҳадиси Ибни Умар (рз) амал шавад.[1]

Пас талоқи бидъӣ талоқест, ки дар он яке аз ин се шарт риоя нагардида бошад. Бинобар ин, талоқе, ки дар яке аз ҳолатҳои зерин воқеъ мегардад, талоқи бидъӣ гуфта мешавад:

1. Се талоқ дар як бор.

2. Талоқ дар ҳолати одати моҳонаи зан.

3. Талоқ дар туҳре (покие), ки бо ҳамсараш ҳамбистар шуда бошад.

Талоқи бидъӣ, гарчи мухолифи фармоишоти шаръ аст, вале воқеъ мегардад.[2]

Талоқи суннӣ фурсати дар кори худ андешиданро бори дигар дар ихтиёри зану шавҳар мегузорад. Дар ин муддат хашму ғазаби онҳо фурӯ менишинад, бо аҳли салоҳ менишинанд ва аз одамони ботаҷриба ва аҳли диёнат машварат мепурсанд. Кори худро борҳо ба ченаки ақл месанҷанд ва пас аз ин ҳама роҳе барои бозгашти худ доранд.

Вале дар талоқи бидъӣ чунин фурсатеро аз даст медиҳанд, зеро дар сурати аввалӣ он роҳи бозгаштро бар рӯи худ бастаанд ва дар ду сурати дигари он мард мӯҷиби зарарҳои маънавие нисбат ба ҳамсараш мегардад. Шурӯи идда ва покизагии раҳм (бачадон)-ро барои вай печида месозад.[3]

Зани ҳомиларо шавҳараш метавонад пас аз ҳамбистарӣ билофосила талоқ намояд ва мунтазири ҳайзу покие нагардад, зеро вай то замони вилодат (зоиш) ҳайз намебинад.

Агар касе ҳамсари худро дар ҳолати ҳайз талоқ кунад, гунаҳгор мегардад, вале талоқ воқеъ мешавад. Агар вайро як талоқ ва ё ду талоқи рақъӣ дода бошад, беҳтар аст руҷӯъ намояд ва вақте ки аз ҳайз пок гашт ва дуюмбора ҳайз дид ва пок гашт, агар хоста бошад, вайро талоқ намояд.

Ривоят шудааст, ки: «Абдуллоҳ ибни Умар дар замони расули Худо (с) ҳамсари худро дар

---

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 4. – С. 130–137

[2] Муҷоҳид мегӯяд: Назди Ибни Аббос будам, ки марде омад ва гуфт, ки ӯ занашро се талоқ кардааст. Ибни Аббос ба андозае сукут кард, ки гумон бурдем ӯро ба сӯяш бозгардонанда аст. Он гоҳ гуфт: Яке аз шумо бар маркаби ҳамоқат менишинад, он гоҳ мегӯяд, Эй Ибни Аббос, эй Ибни Аббос! Худованд фармуда: **«Касе тақвои Худоро намояд, барояш махраҷ ва баромадгоҳе гардонад»** (Талоқ, 65: 2) ва ту тақвои Худоро накардӣ, пас бароят махраче наёбам, аз Парвардгорат фармон набурдӣ ва занат аз ту боин – ҷудо ва талоқ гашт. Худованд фармуд: **«Эй паёмбар, вақте занонро талоқ додед, онҳоро ба вақти иддаашон ё пешопеши вақти он талоқ намоед»**, (то иддаро пеш гирифта тавонанд) (Талоқ, 65: 1) (Сунани Абудовуд, 2197). Дар балоғоти имом Молик (рҳ) омадааст, ки марде ба Абдуллоҳ ибни Аббос гуфт: Занамро сад талоқ кардам. Бар ман чӣ (чора ё салоҳ) мебинӣ!? Ибни Аббос ба вай гуфт: Занат аз ту се талоқ гашта ва дар наваду ҳафт (97) талоқи дигараш оёти Худоро ба бозича гирифтаӣ (Муваттаъ. Китоби Талоқ, бобу мо ҷоа фи-л-баттати, 1).

Таҳовӣ аз Молик ибни Ҳорис овардааст, ки марде назди Ибни Аббос омад ва гуфт: Амакам занашро се талоқ кардааст. Ибни Аббос фармуд: Амакат Худоро исён (нофармонӣ) карда ва Худо онро (бар вай) тамом ва комил гардонидааст ва аз шайтон итоат карда ва ӯ барояш махраче нагардонидааст. Гуфтам чӣ мебинӣ дар марде, ки ӯро барояш ҳалол гардонад – ҳалола кунад!? Гуфт: Касе мехоҳад Худоро бифиребад, Худо ӯро ба фиреб гирифтор месозад (Шарҳу маонилосор, 4387).

[3] Фирӯзи Ҳиравӣ, Анису-н-нисо. – С. 184 -188. – Риёз, 2001. Бо каме тасарруф дар ибораҳо.

ҳолати ҳайз талоқ кард. Умар ибни Хаттоб расули Худо (с)-ро дар ин бора пурсид, он ҳазрат (с) гуфт: ***«Ӯро бифармо, то ба ҳамсараш руҷӯъ намояд…»***.[1]

НАВЪҲОИ ТАЛОҚ БА ЭЪТИБОРИ КАЛИМАҲО

Талоқ ба эътибори калимаҳои ифодакунандаи он бар ду қисм аст: *сареҳ* ва *киноя*.

Сареҳи талоқ:

Лафзи (калимаи) сареҳи талоқ он калимаҳое ҳастанд, ки ғайр аз ифодаи талоқ корбурди дигаре надоранд ва аз ҷиҳати забонӣ ва ҳамчунин дар корбурди урфӣ танҳо барои ифодаи маънои талоқ гузошта шудаанд. Ба гуфтаи соҳиби Таҳрир, он лафз ё он чи қоиммақом (ҷонишин)-и он гардад, аз қабили киноя равшан ва ишораи мафҳуме аст, ки ҳукми шаръии он бе ният собит бошад. Зеро рукни талоқ лафз аст ё он чи ҷонишини он гардад. Чунин вожа аз калимаи талоқ ва муштаққоти он иборат аст.[2] Мисли ин ки шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ту талоқӣ ё туро талоқ кардам ё аёли ман талоқ аст ва ё ту муталлақай»*.[3] Дар ин гуфтаҳо зан як талоқи раҷъӣ мешавад, хоҳ мард нияти бештар аз он (ду ё се талоқ)-ро ё талоқи боинро карда бошад ё ҳеҷ нияте накарда бошад, зеро он лафзҳо дар талоқ сареҳ ҳастанд ва ба ният ниёз надоранд.[4,5] Аммо агар шахсе ин ибораҳоро ба сурати нақли қавл аз дигарон ва ё дар ҳолати тадрис ба шогирдон бигӯяд, чизе воқеъ намешавад. Зеро ин ибораро ба ҳамсараш нагуфтааст.

Дар забонҳои дигар низ, ба мисли форсӣ, ҳар лафзе, ки аз ҷиҳати асли луғавӣ танҳо дар мавриди талоқ корбурд шавад, он сареҳи талоқ ба шумор меравад ва талоқ дар он бе ният воқеъ мешавад ва ҳар лафзе, ки ҳам дар мавриди талоқ ва ҳам дар ғайри он корбурд шавад, он дар тамоми аҳком ҳукми киноёти талоқро дар забони арабӣ дорад.

Лафзҳои мусаҳҳафа (таҳрифшуда, хатохондашуда), ки аз панҷ калима: талоғ (طلاغ), талоғ (تلاغ), талок (طلاك), талок (تلاك) ва талоқ (تلاق) иборатанд ва ҳамчунин лафзи «Талоқ бош!», дар сареҳи талоқ дохил мебошанд. Агар ба мард гуфта шавад, ки занатро талоқ кардӣ? бо ҳарфҳои ҳиҷо гӯяд: «Нун, айн, мим – ن، ع، م – наъам» ё «бо, лом, йо – ب، ل، ي – бало», яъне оре, талоқ мешавад.[6] Ҳарфҳои ҳиҷо: «то, лом,

---

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 4908, 5251, 5252, 5253; Саҳеҳи Муслим, 3637 (1471)-1; Сунани Абудовуд, 2179; Сунани Насоӣ, 3390.

[2] Фуқаҳо ҳукми раҷъӣ будани талоқро дар лафзҳои сареҳи он аз ин оят истинбот кардаанд: **«Талоқ ду бор аст, пас имсок (нигаҳ доштан)-и бо маъруф (некӣ) ё тасреҳ (раҳо кардан)-и бо эҳсон (хубӣ) аст»** (Бақара, 229). Худованд дар ин оят имсоки занонро пас аз ду бор талоқ шудани онҳо, вақте бо лафзҳои сареҳи талоқ сурат гирифта бошанд, тавсия кардааст. Имсок ба маънои давом додани вазъи побарҷо ва ҳукми мавҷуд (боқӣ) аст, на ба маънои баргардонидан ё дубора барқарор кардани вазъ ва ҳукми зоилшуда. Бар ҳамин асос дар талоқи раҷъӣ пайвандҳои заношавҳарӣ то поёни идда аз тамоми вачҳҳо боқӣ ҳастанд ва ин ба он маъно аст, ки мард пас аз талоқ дар давраи иддаи зан метавонад ба вай руҷӯъ кунад ё ӯро ба мулки худ баргардонад ва бо ҳамин ӯро дар мулки никоҳи худ, нигаҳ дорад.

Мурод аз раҳо кардан бо хубӣ он аст, ки мард дар муддати иддаи зан руҷӯъ накунад, яъне рафъате сурат нагирад ва занро ба ҳоли худ раҳо кунад. Талоқи раҷъӣ пас аз гузаштани идда ба талоқи боин табдил мешавад ва зан роҳи худро пеш мегирад ва ин аст тасреҳи ба эҳсон.

[3] Муталлақа бо ташдиди лом аз лафзҳои сареҳи талоқ аст ва мутлақа аз итлоқ ба маънои сардодашуда аз киноёти талоқ аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 444).

[4] Лафзҳои сареҳи талоқ ду ҳукмро дар пай доранд, яке ин ки дар вуқӯи талоқ бо иҷмои фуқаҳо ба ният ниёз надоранд, дигар он ки бо онҳо, вақте аз қайдҳо холӣ бошанд, талоқ дар ивази мол (дар хулъ) сурат нагирифта бошад ва ба адади се на бо нас (ибора) ва на бо ишора мақрун набошанд, талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад ва руҷӯъ дар онҳо, то пеш аз гузаштани идда, бе ақди нав ҷоиз аст.

[5] Дар Тоторхония ба нақл аз Хазона овардааст: Барои сареҳ ҳафт лафз вуҷуд дорад. Се лафзи онҳо дар матн зикр гардид ва лафзҳои дигараш иборатанд аз: Анти толиқун татлиқатан – ту як талоқӣ, анти-т-талоқ – ту талоқ, анти толиқун атталоқа ва анти толиқун талоқан. Дар се лафзи ахир, ки калимаи ахири онҳоро масдар ташкил медиҳад, агар мард нияти як талоқ ё ду талоқро намояд ва ё ҳеҷ нияте надошта бошад, як талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад, вале агар нияти се талоқро дошта бошад, пас се талоқ воқеъ мешавад. Бар хилофи чаҳор лафзи аввал, ки нияташ дар онҳо дар адад амал намекунад ва дар онҳо дар тамоми ҳолатҳо як талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 400).

[6] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 446. Агар ба забони туркӣ-узбекӣ ба занаш гӯяд: Сан бӯш! ё Бӯш ӯл, ки ба маънои «Ту холӣ ё раҳошуда ҳастӣ» аст, талоқи раҷъӣ воҷеъ мешавад. Зеро ин ибора гарчи аз лафзҳои киноя талоқ аст, вале дар урфи он қавм ба маънои сареҳи талоқ ба кор меравад (Ҳамонҷо. – С. 519).

қоф – ق، ل، ط» аз лафзҳои киноияи талоқ буда, ба ният ниёз доранд.

Талоқи раҷъӣ он аст, ки мард ҳаққи таҷдиди назар ва бозгардонидани ҳамсарашро пеш аз поёни идда дорад. Вай метавонад бе ақди нав (дуюмбора), аз гуфтаи худ руҷӯъ кунад ва ё ба мулки худ руҷӯъ намояд. Баёни талоқи раҷъӣ хоҳад омад.

Дар банди якуми моддаи 87 қонуни аҳволи шахсии Сурия дар ин бора омадааст: «Талоқ бо лафзҳои сареҳе, ки бо вазъи луғат ва ё аз рӯи урф ба он далолат мекунанд, воқеъ мешавад».[1]

Баъзе фуқаҳо, ба монанди соҳиби Дурр ва Радд ба навъи сеюме аз лафзҳои талоқ қоил ҳастанд, ки онҳоро мулҳақ ба сареҳ медонанд. Зеро онҳо дар вуқӯи талоқ ё ба ният ниёз надоранд, ба монанди лафзи таҳрим (ҳаром гардонидан) ё бо онҳо талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад, гарчи ба ният ниёз дошта бошанд, ба мисли ибораи: *Идда бипой!, раҳматро пок соз!* ва *ту як ҳастӣ!*. Ибораи: *«Ту бар ман ҳаромӣ ва ё туро бар худ ҳаром гардонидам»*, ҳарчанд дар луғат барои ифодаи талоқ вазъ нагардида бошад ҳам, вале аз ҷиҳати корбурди зиёдаш дар ин маъно ба лафзи сареҳи талоқ илҳоқ шудааст. Аммо баъзе дигари фуқаҳо, ба монанди Рофеъӣ дар Тақрироти худ, ин қисмро зоҳиран дохил дар киноя талоқ медонанд, на дар мулҳақ ба сареҳи он.[2]

МАСОИЛЕ ДАР САРЕҲИ ТАЛОҚ

Агар ба занаш гӯяд: *«Ту талоқ баро (тибқ)-и суннат»*, агар зан пок бошад ва шавҳараш дар он туҳр бо вай муҷомиат накарда бошад, дар ҳол як талоқ воқеъ мешавад. Аммо агар дар ҳайз бошад ё дар туҳре, ки шавҳараш бо вай муҷомиат кардааст, пас чизе воқеъ намешавад, то он ки пок гардад ва вақти талоқи маснун фаро расад, он гоҳ як талоқ мешавад. Агар касе ба занаш гӯяд: *«Ту се талоқ баро (тибқ)-и суннат»*, ин масъала ба чанд вачҳ аст: Агар ният карда бошад, ки занаш дар ҳар туҳре як талоқ бошад, пас он чи ният кардааст, воқеъ мешавад, агар чизе ният накарда бошад, низ зан дар ҳар туҳраш як талоқ мешавад. Аммо агар ният карда бошад, ки се талоқ якҷо ва якбора воқеъ шавад, нияташ саҳеҳ аст ва дар ҳол се талоқ воқеъ мешавад, дар Хулосаи Хония овардааст, ки хоҳ дар ҳайз бошад ё дар туҳр.[3]

Агар марде ба занаш гӯяд: «Ту ба се – анти би салос», агар нияти талоқро карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад. Зеро лафз эҳтимоли онро дорад. Ва дар ҳолати музокираи талоқ, агар гӯяд: Нияти талоқро надоштам, тасдиқ карда намешавад.[4] Аз Муҳаммад (рҳ) ривоят шуда, ки касе ба занаш бигӯяд: «Талоқ бош! – кунӣ толиқан» ё «талоқ шав! – утлуқӣ», талоқ воқеъ мешавад.[5]

Агар мард занашро талоқ кунад, пас аз он ба вай бигӯяд: «Дар ҳақиқат туро талоқ кардам – қад таллақтуки» ё ба форсӣ ба вай бигӯяд: «Талоқ додам туро, додам туро талоқ» як талоқи дигар воқеъ мешавад. Дар қавли мард: «Додамат талоқ» ё «туро талоқ (додам)» нияти се талоқ саҳеҳ аст. Аммо агар бигӯяд: «Дар ҳақиқат туро талоқ кардаам – қад кунту таллақтуки» ё ба форсӣ бигӯяд: «Талоқ додаам туро» бо лафзи дуюм чизе воқеъ намешавад.

Агар мард пас аз дархости талоқ аз ӯ бигӯяд: «Чанг боздоштам» як талоқи боин воқеъ мешавад. Зеро он тафсири лафзи киноя: «халлайту сабилаки» аст ва дар ҳолати музокираи талоқ он бе ният воқеъ мешавад. Пас аз он агар он лафзро як ё ду бори дигар ба занаш нисбат диҳад, чизе воқеъ намешавад. Зеро он аз киноёти талоқ аст ва боин бо лафзи киноя ба боин намепайвандад.[6]

Агар зан ба шавҳараш бигӯяд: «Маро талоқ деҳ!» ва мард бигӯяд: «Додамат», талоқ воқеъ мешавад. Пас аз мушоҷараи зану шавҳар мард аз занаш пурсида шавад, бигӯяд: «Ба ҷояш мондам» ё «афв кардам» ё «ба Худо бахши-

[1] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 372.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 419.

[3] Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 383.

[4] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 35; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 418.

[5] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 35–36; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 419.

[6] Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 401.

Агар мард дар ҳолати ғазаб ба занаш бигӯяд: «Эй ҳазорталоқа бирав!» ё «эй се талоқа» ё дар вақти ҷанҷол зан мехост аз хона берун шавад, ки мард ба вай гуфт: «Се талоқ бо худ бибар!», дар ин суратҳо се талоқ воқеъ мешавад, агарчи талоқро ният накарда бошад. Зеро инҳо лафзҳои сареҳи талоқ ҳастанд ва ба ният ниёз надоранд. Агар ба вай бигӯяд: «Эй талоқ дода – ё толиқ», талоқ мешавад.

дам», дар ин гуфтаҳо агар нияти талоқ дошта бошад, зан талоқ мешавад, вале агар бигӯяд: «Ҷудо кардам», талоқ бе ният воқеъ мешавад. Агар зан ба шавҳараш бигӯяд: «Чун манат намеёбам, раҳо кун! ё афв кун! ё пойкушода кун! ё озод кун!» ва шавҳар бигӯяд: «Кардам ё бахшидам ё мондам ё афв кардам ё раҳо кардам ё озодат кардам», талоқ бе ният воқеъ мешавад. Зан ба шавҳараш гуфт: «Маро талоқ деҳ», мард ӯро зад ва гуфт: «Инак талоқ», бе нисбати он ба зан, талоқ воқеъ намешавад, аммо агар онро ба зан нисбат дода бигӯяд: «Инакат талоқ», талоқ мешавад. Аҳмад ибни Қалонисии Фақеҳ аз зане пурсида шуд, ки ба шавҳараш гуфт: «Маро талоқ деҳ!» ва мард ӯро бо дасташ зад ва гуфт: «Инак талоқ», бори дуюм ӯро зад ва гуфт: «Инак ду талоқ» ва бори сеюм зад ва гуфт: «Инак се талоқ», фармуд: Се талоқ мешавад. Аммо агар бигӯяд: «Инак яке, инак ду, инак се» ва лафзи талоқро талаффуз накунад, талоқ воқеъ намешавад.

Марде дар ҳолати музокираи талоқ ба занаш гуфт: «Ҳазор талоқ ба доманат андар кардам», ба қавли имом Абуҷаъфар, се талоқ мешавад ва дар ғайри ҳолати музокираи талоқ низ чунин аст, вале дар ғайри он ҳолат, агар нияти ғайри талоқ карда бошад, сухани вай бо савгандаш тасдиқ карда мешавад. Агар мард гӯяд: «Он зан, ки маро ба ин хона андар аст, ба се талоқ», агарчи занаш дар вақти гуфтани ин сухан дар хонааш набошад ҳам, занаш талоқ мешавад. Зеро мурод аз хонаи зикршуда дар ин қавл ҳақиқати хона нест, балки мурод хонаи никоҳ аст. Аммо агар бигӯяд: «Ин зан маро, ки дар ин хона аст, ба се талоқ», агар занаш дар вақти гуфтани ин сухан дар хонааш набошад, талоқ намешавад. Марде занашро талоқ кард, сипас дар ин бора пурсида шуд, гуфт: «Додамаш ҳазор талоқи дигар», бе ният се талоқ мешавад. Зане ба шавҳараш гуфт: «Ман ба се талоқам!» ва шавҳар гуфт: «Бешӣ!», яъне зиёдтар аз онӣ ё гуфт: «Сад талоқ бешӣ!» ё «се магӯй, сад гӯй!», зан се талоқ мешавад. Зеро ин иқрор аст аз мард ба се талоқи зан.

Агар мард ба занаш бигӯяд: «Ҳазор талоқи ту яке кардам», се талоқ воқеъ мешавад. Зеро он ба маънои «таллақтуки алфан би дафъатин» аст. Агар мард ба дигаре бигӯяд: «Занатро талоқ додам ё кардам» ва он мард аз рӯи инкор бигӯяд: «Аҳсанта – хуб кардӣ ё асаъта – кори баде кардӣ», талоқ воқеъ намешавад, аммо агар бигӯяд: «Худо раҳматат кунад, кори хубе кардӣ, маро аз вай халос сохтӣ», талоқ воқеъ мешавад, зеро қавли ахир иҷозат аст. Агар зан ба шавҳараш бигӯяд: «Маро талоқ деҳ!» ва мард бигӯяд: «Талоқ бардору бирав!», агар нияти талоқашро карда бошад, талоқ воқеъ мешавад, вале агар талоқро ба занаш нисбат диҳад ва бигӯяд: «Талоқат ё талоқи худ бардору бирав!», дар ин сурат талоқ бе ният ҳам воқеъ мешавад. Агар зан ба шавҳараш бигӯяд: «Маро талоқ деҳ!» ва шавҳар бигӯяд: «Туро на талоқ монда, на никоҳ, бархезу бирав!», зан се талоқ мешавад. Зеро ин иқрор аст аз ҷониби мард, ки ӯро талоқ кардааст. Дар фатовои аҳли Самарқанд омадааст: Вақте мард ба занаш бигӯяд: «Ту талоқ», як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад, зеро он ба маънои «Ту талоқӣ» аст.

Агар зан ба шавҳараш гӯяд: «Маро талоқ деҳ, маро талоқ деҳ, маро талоқ деҳ! ё маро се талоқ кун!» ва мард бигӯяд: «Талоқат кардам ё талоқат додам», агар мард нияти се талоқро карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад, агар чизе ният накарда ё нияти як талоқро карда бошад, як талоқ воқеъ мешавад. Аммо агар зан он лафзҳоро бо ҳарфи атфи «ва» бигӯяд: «Маро талоқ деҳ ва маро талоқ деҳ ва маро талоқ деҳ!» ва мард бигӯяд: «Талоқат кардам», се талоқ воқеъ мешавад, мард нияти се талоқро карда бошад ё не. Агар зан ба шавҳараш бигӯяд:«Маро се талоқ кун!» ва мард бигӯяд: «Ту талоқӣ» ё «пас ту талоқӣ», фуқаҳо дар он ихтилоф кардаанд. Ба қавли баъзе аз онҳо дар ин сурат танҳо як талоқ воқеъ мешавад, зеро он дар ҷавоби талаби зан талоқро воқеъ нашудааст ва ба қавли баъзе дигар, агар мард нияти се талоқро карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад. Агар мард дар ҷавоби қавли занаш: «Маро се талоқ кун!», бигӯяд: «Дар ҳақиқат, туро ҷудо – талоқи боин кардам – қад абантуки» ё «ту боинӣ», се талоқ воқеъ мешавад.[1]

НИСБАТИ ЛАФЗҲОИ ТАЛОҚ, ТАҲРИМ ВА ИБОНА

Лафзи талоқ ва муштаққоти он вақте ба сӯи зан изофа шаванд, яъне ба зан нисбат дода ша-

[1] Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 413–428.

ванд, талоқ воқеъ мешавад, чуноне зикр шуд. Аммо агар ба мард нисбат дода шаванд, бо онҳо чизе воқеъ намешавад, онро мард ба сӯи худаш изофа кунад ва мас., ба занаш бигӯяд: *«Ман аз ту талоқ»* ё *«ман талоқшудаам»* ё онҳоро зан ба сӯи мард изофа кунад ва мас., ба шавҳараш бигӯяд: *«Ту аз ман талоқ»*, *«ту муталлақаӣ»* ё *«туро талоқ кардам»*, хоҳ бо онҳо нияти талоқ карда бошанд ё не. Зеро талоқ барои зоил сохтани милки собитшуда бо никоҳ ё қайди никоҳ аст ва ҷои он зан аст. Пас нисбат додани он ба мард лағв аст ва талоқ ҷуз ба зан нисбат дода намешавад.

Агар мард лафзи таҳрим ё муштаққоти онро ба сӯи худ изофа кунад ва мас., бигӯяд: *«Ман бар ту ҳаром», «ман бар ту муҳаррам – ҳаромгардонидашуда»* ё *«худро бар ту ҳаром гардонидам»*, агар нияти талоқ дошта бошад, талоқ воқеъ мешавад. Зеро лафзи таҳрим барои зоил сохтан ва аз байн бурдани ҳалолияти маҳал, яъне ҳаром гардонидани он аст ва нисбати он ба мард низ саҳеҳ аст, он гуна ки изофаи он ба сӯи зан саҳеҳ буд. Он ҳақ – ҳалол будани баҳрамандӣ аз якдигар миёни онҳо муштарак буд ва аз байн бурдани он бо нисбати лафзи таҳрим ба ҳар яке аз онҳо ҷоиз аст ва бо он талоқ воқеъ мешавад. Танҳо ин ки дар нисбати лафзи таҳрим ба зан, бе изофаи он ба сӯи мард, талоқ воқеъ мешавад, мас., агар ба занаш бигӯяд: «Туро ҳаром гардонидам – ҳаррамтуки», бе зикри «бар худ – алайя» ё «ало нафсӣ», агар нияти талоқ дошта бошад, талоқ воқеъ мешавад. Вале вақте онро мард ба сӯи худаш нисбат диҳад, то дар он лафзи «бар ту – алайки»-ро зикр накунад, ҷоиз нест. Мас., агар мард ба занаш бигӯяд: «Ман ҳаромам» ё «худро ҳаром гардонидам» ва лафзи «бар туро» дар он зикр накунад, талоқ воқеъ намешавад, ҳарчанд нияти онро карда бошад.

Нисбат додани лафзи ибона – боин гардонидан низ ба зан ҷоиз аст ва бо он талоқи боин рақъӣ воқеъ мешавад, он гуна ки изофаи он ба сӯи мард саҳеҳ буд. Зеро он барои зоил сохтани пайванде аст, ки бо ақди никоҳ ҳосил шуда ва миёни ҳар ду муштарак аст. Мас., агар мард ба занаш бигӯяд: *«Ман аз ту боинам»*, агар нияти талоқ карда бошад, як талоқ воқеъ мешавад. Дар нисбати лафзи ибона ба зан низ бе зикри лафзҳое, ки тааллуқи онро ба зан ифода кунад, агар нияти талоқро дошта бошад, талоқ воқеъ мешавад, вале дар нисбати он ба мард, то лафзи «минки»-ро дар он наёварад, талоқ воқеъ намешавад.[1]

КИНОЯИ ТАЛОҚ

Киноя лафзест, ки аслан ба маънои дигаре далолат кунад ва корбурди он барои маънои мавриди назар эҳтимолӣ ва ғайри сареҳ бошад. Киноя дар мавриди талоқ лафзе мебошад, ки маъмулан ва бар асоси вазъи луғавӣ барои талоқ ва ҷудоӣ гузошта нашудааст, вале эҳтимоли талоқ ва ҷудоӣ низ аз он фаҳмида мешавад.[2] Ба гуфтаи соҳиби Радд лафз вақте аз киноёти талоқ ба шумор меравад, ки илова бар ду шарти фавқ: Бар асоси вазъи луғавӣ барои талоқ гузошта нашуда бошад ва эҳтимоли маънои талоқ ва ғайри онро дошта бошад, дар он се қайди дигар вуҷуд дошта бошад: 1. лафзе бошад, ки хитоби зан бо он саҳеҳ гардад; 2. барои иншои талоқе, ки дар он лафз ба сурати ғайри сареҳ ирода карда ва ё барои ихбор – хабар додан ба ин ки талоқро воқеъ гардонидааст, салоҳият дошта бошад; 3. он лафз фароянди талоқ ва (асари) пайдошуда аз он бошад, ба мисли ҳаром гардидан дар лафзи *«Ту ҳаромӣ»*[3] Бинобар ин, на ҳар лафзе, ки эҳтимо-

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. – 157–158; Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 35–36; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 455–456.

[2] Яъне маънояш омтар – васеътар аз талоқ ё ҳукми талоқ бошад. Пас лафзҳои киноя талоқ бар ду навъанд: навъе, ки он омтар – васеътар аз талоқ аст ва он лафзҳои сегона аст ва навъе, ки омтар аз ҳукми талоқ аст, ки он боқии лафзҳои киноя аст.

[3] Лафзи *«Ту ҳаромӣ»* ба ҳаром гардидан ва ҳаром будан далолат дорад, ки ин маъно фароянди талоқ ва асари пайдошуда аз он аст, яъне асаре, ки аз талоқ ҳосил мешавад. Пас ҳар лафзе, ки ба асар ва фароянди талоқ далолат кунад ва ду қайди дигари зикршуда дар матн дар он мавҷуд бошад, аз киноёти талоқ ба шумор меравад.

Лафзи ҳаром ва муштаққоти он дар асл киноя талоқ аст, ки бо он талоқи боин воқеъ мешавад, вале аз он ҷо ки корбурди он дар таомул ва урфи замони мо дар сареҳи талоқ роиҷ ва ғолиб гаштааст, маънои киноя дар он боқӣ намонда ва дар пайомадҳои ҳуқуқӣ ба сареҳи талоқ мулҳақ гардидааст. Бинобар ин, бо лафзи ҳаром ва муштаққоти он: «муҳарраматун – ҳаромгардонидашудаӣ» ва «ҳаррамтуки – туро ҳаром гардонидам» як талоқи боин воқеъ мешавад ва ба ният ниёз надорад. Фар-

ли талоқро дошта бошад, аз киноёти талоқ ба шумор меравад.

Дар Баҳр овардааст, ки бо лафзҳои *«Туро дӯст намедорам»*, *«Туро намехоҳам – ло аштаҳики»* ва *«Ба ту майл ё рағбате надорам»* талоқ воқеъ намешавад.[1] Ҳамчунин бо лафзҳои: *«Талоқатро (бароят раво гардонидам – абаҳтуки талоқаки»*, *«аз талоқат даргузаштам – сафаҳту анҳу»*, *«талоқатро дӯст доштам – аҳбабту талоқаки»*, *«ба талоқат розӣ шудам – разийту талоқаки»*, *«талоқатро хостам – ҳавайту талоқакӣ»* ва *«талоқатро ирода кардам»*, гарчи нияти талоқ карда бошад ҳам, талоқе воқеъ намешавад.[2] Зеро ин лафзҳо аз киноёти талоқ ба шумор намераванд.[3] Аммо агар ба вай бигӯяд: *«Эй талоқшуда – ё муталлақа»* ё *«эй талоқӣ – ё толиқ»*, занаш талоқ мешавад, зеро нидо васферо, ки дар лафз аст, зоҳир месозад ва қавли мард, ки иродаи ғайри талоқро дошта, тасдиқ карда намешавад. Агар дар лафзи аввал се талоқро ният карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад.

Ҳар лафзе аз киноёти талоқ, ки дар таомули қавм ва урфи мардуми сарзамине ба андозае ривоҷ ва корбурди васеъ пайдо кунад, ки ғолибан ба ҷои лафзҳои сареҳ ба кор равад, он аз маънои киноя хориҷ ва ба сареҳи талоқ мулҳақ мегардад. Дар ин ҳолат дигар ба ният ниёз надорад ва бо он талоқи сареҳи боин воқеъ мешавад.[4,5]

қе намекунад, ки дар онҳо вожаи «алайя»-ро зикр карда бошад ё не, мас.: *«Ту ҳаромӣ»*, *«Ту муҳаррамаӣ – ҳаром гардонидашудаӣ»*, *«Туро ҳаром гардонидам»* гуфта бошад ё *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, *«Ту бар ман муҳаррамаӣ»*, ва *«Туро бар худ ҳаром гардонидам»*.

Бо лафзҳои «Ҳалоли мусулмонон бар ман ҳаром – ҳалолулмуслимина алайя ҳаром», «ҳалоли Эзад ё ҳалоли Худой бар ман ҳаром», «ҳалолуллоҳи алайя ҳаром», «ҳар ҳалоле, ки бошад, бар ман ҳаром – куллу ҳиллин алайя ҳаромун», «ту бо ман дар ҳаромӣ – анти маъӣ филҳаром» низ талоқи боин воқеъ мешавад ва дар вуқӯи он ба ният ниёз надоранд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 518).

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 514.

[2] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 60.

Аммо дар Тоторхония ба нақл аз Хония овардааст, ки дар қавли мард: *«Ба талоқат розӣ шудам – разийту талоқаки»* ё *«талоқатро воқеъ гардонидам – авқаъту талоқаки»*, як талоқ воқеъ мешавад, гарчи нияти талоқ накарда бошад (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 401). Вай лафзи *«Ба талоқат розӣ шудам – разийту талоқаки»*-ро дар ин ҷо дар радифи лафзҳои сареҳ овардааст, вале ба нақл аз Мунтақо дар боби киноёти талоқ овардааст, ки бо *«Ба талоқат розӣ шудам – разийту талоқаки»* талоқ воқеъ намешавад (С. 409).

[3] Фуқаҳо лафзҳои дигареро ба таври пароканда дар боби киноёти талоқ овардаанд, ки дар ҳукм ба мисли се лафзи мулҳақ ба сареҳи талоқ ҳастанд ва дар онҳо, агар мард нияти талоқро карда бошад, як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад ва агар нияти талоқро накарда бошад, чизе воқеъ намешавад. Лафзи *«Ман аз талоқи ту бариам – ана бариун мин талоқики»*, агар нияти талоқро карда бошад, саҳеҳетар он аст, ки як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад, чуноне дар Хулоса зикр шуда. Бар хилофи лафзи *«Ман аз никоҳат барӣ ҳастам»*, ки бо ин дафз талоқе воқеъ намешавад. Дар қавли мард: *«Талоқ бар ту – атталоқу алайки»*, бо ният як талоқ воқеъ мешавад. Дар қавли ӯ: *«Талоқатро ба ту ҳиба кардам (бахшидам)»*, агар нияти талоқ карда бошад, як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад, вале ба гуфтаи мутааххирин талоқе дар он воқеъ намешавад (С. 60). Ва дар қавли вай: «*Талоқатро ба ту фурӯхтам»* ва зан бигӯяд: харидам, бе иваз, низ чунин гуфтаанд, яъне бо ният як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад. Дар лафзи ҳиба, агар нияте надошта бошад ҳам, қазоан талоқ воқеъ мешавад ва ин вақте аст, ки мард аз аввал онро бигӯяд ва он ба манзалаи додани амри талоқ ба дасти зан аст, пас агар зан нафси худро дар он мақлис талоқ гардонад, талоқ мешавад ва агар на, зани вай бокӣ мемонад, яъне талоқ намешавад. Дар лафзҳои: *«Талоқатро баргир – хузӣ талоқаки»*, *«талоқатро ба ту қарз додам – ақразтуки талоқаки»*, *«Худо дар воқеъ ё дар ҳақиқат, талоқи туро хоста – қад шоаллоҳу талоқаки»*, ё *«Худо талоқи туро ҳукм карда – қад қазаллоҳу талоқаки»* ё *«талоқатро хостам – шиъту талоқаки»*, бо нияти як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 57, 60; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – 523–524).

[4] Бар хилофи лафзи «сарраҳтуки – туро раҳо кардам», ки он аз киноёти талоқ аст, вале корбурди он дар урфи мардуми форс дар сареҳи талоқ роиҷ ва мутадовил гаштааст. Бинобар ин, бо он талоқи рақъӣ воқеъ мешавад (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 519). Дар Баҳр овардааст: Машоихи Хоразм аз мутақаддимин ва мутааххирин фатво медоданд, ки лафзи «тасреҳ – раҳо кардан» ба манзалаи сареҳ аст ва бо он талоқи рақъӣ воқеъ мешавад (ал-Баҳру-р-роиқ. – Ҷ. 3. – С. 436).

[5] Лафзи *«ҷавобатро додам»* ё *«ҷавобашро додам»* аз киноёти талоқ дар забони тоҷикӣ аст, вале корбурди он дар урф ва таомули мардуми мо дар ин замон дар боби талоқ ва лафзҳои сареҳи он ба андозае роиҷ ва мутадовил гардида, ки ба назари камина фуқаҳо метавонанд онро дар пайомадҳои ҳуқуқӣ ба сареҳи талоқ мулҳақ намоянд ва онро талоқи рақъӣ бидонанд, ба мисли лафзи «раҳо кардан – тасреҳ» назди фуқаҳои мутақаддим ва мутааххир.

Лафзи «сар додан», «сарат додам» ва «сараш додам» низ имрӯз сари забонҳо гардида, дар урфи мардум дар ин замон ба маънои сареҳи талоқ ба кор меравад. Аз сӯи дигар он ба маънои лафзи «ҳиштан» аст, ки дар гӯишҳои қадимтари тоҷикӣ корбурд дошта ва тибқи фатовои он давра дар он талоқи рақъӣ воқеъ мешавад. Дар Тоторхония овардааст: Бидон, ки аҳли Хуросон ва аҳли

Лафзҳои киноя, ки дар боби талоқ ба кор мераванд, ду қисманд:

Қисми аввал он аст, ки бо гуфтани он як талоқи рағъӣ воқеъ мешавад ва он аз се лафз (калима) иборат аст: 1- идда бипой; 2- раҳмат (бачадон)-ро пок соз; 3- ту як ҳастӣ.[1] Мард ҳар кадоме аз ин се лафзро барои ҳамсари худ бигӯяд, талоқи рағъӣ воқеъ мешавад, агарчи дар онҳо нияти талоқи боин ё бештар аз як (яъне ду ё се) талоқро карда бошад. Вале агар дар ин се лафз мард нияти талоқро надошта бошад, талоқ воқеъ намешавад. Ин се ибора, вақте дар боби талоқ ба кор бурда шаванд, ба маънои лафзҳои сареҳи талоқ мебошанд.

Қисми дуюми киноятҳои талоқ он аст, ки бо гуфтани онҳо як талоқи боин воқеъ мешавад ва агар нияти се талоқро дошта бошад, се талоқ воқеъ мешавад, вале агар нияти ду талоқро дошта бошад, як талоқи боин воқеъ мешавад.[2]

Онҳо бисту як лафз (калима) ҳастанд: 1. Ту чудо ҳастӣ; 2. ту қатъӣ ҳастӣ; 3. ҳаромӣ; 4. ресмонат бар гарданат; 5. ба аҳли худ бипайванд; 6. ту холӣ ҳастӣ; 7. ту барӣ ҳастӣ; 8. туро ба хонаводаат бахшидам; 9. раҳо кардам туро; 10. аз ту чудо шудам; 11. ихтиёрат ба дастат; 12. ихтиёр намой; 13. ту озодӣ; 14. рӯбанд бипӯш; 15. чодар бипӯш; 16. покӣ намой; 17. дур шав; 18. берун шав; 19. бирав; 20. ҳаракат кун; 21. барои худат шавҳар биҷӯй.

Агар мард дар рафти гуфтугӯи талоқ ва кашмакашҳои чудоӣ калимаҳоро ба зани худ бигӯяд, ҳокими шаръ ба талоқ ҳукм медиҳад. Зеро қаринаи ҳол (мотиви талоқ) ҷониби вуқӯи талоқро тарҷеҳ медиҳад. Аммо агар ба он калимаҳо талоқро ният надошта бошад ва қаринае ҳам барои тарҷеҳи ҷониби вуқӯи талоқ вуҷуд надошта бошад, чизе воқеъ намешавад.

Дар моддаи 93 қонуни аҳволи шахсии Сурия дар бораи сареҳ ва киноя талоқ омадааст:

Ироқ лафзи «ҳиштан»-ро дар талоқ ба кор бурдаанд ва он назди Абуюсуф (рҳ) аз лафзҳои сареҳи талоқ аст, ки бо он талоқи рағъӣ воқеъ мешавад ва дар вуқӯи он ба ният ниёз надорад. Дар Хулоса овардааст, ки Абулайси Фақеҳ ба он назар дода ва Дар Тафрид омада, ки фатво бар он аст. Пас агар мард ба занаш бигӯяд: «Биҳиштам (сар додам) туро аз занӣ», як талоқи рағъӣ воқеъ мешавад, дар он нияти талоқ карда бошад ё не. Аммо агар бигӯяд: «Туро биҳиштам» ва лафзи «аз занӣ»-ро дар он наёварад, агар дар ҳолати ғазаб ва музокираи талоқ бошад, як талоқи рағъӣ воқеъ мешавад, агар нияти боин ё се талоқро карда бошад, боин ё се талоқ воқеъ мешавад.

Қавли Муҳаммад (рҳ) дар ин бора ба мисли қавли Абуюсуф (рҳ) аст. Аз Абуҳанифа (рҳ) дар бораи ин лафз ду ривоят омадааст. Дар яке аз онҳо бо он талоқи рағъӣ воқеъ мешавад ва ба ният ниёз надорад ва дар дигаре бо он талоқ воқеъ намешавад, магар бо ният ва талоқ боин мебошад. Қудурӣ дар Шарҳи худ овардааст, ки Абуҳанифа (рҳ) дар бораи касе, ки ба занаш бигӯяд: «Биҳиштам туро» ё «биҳиштам аз занӣ», фармуд: Талоқ воқеъ намешавад, магар бо ният ва дар Ҳовӣ овардааст, ки дар ҳолати ғазаб бошад ё ризо ё дар ҷавоби калом. Қудурӣ фармудааст: Ин лафз аз ҳайси эътибори асли ният ва сиҳҳати нияти се талоқ дар он ба киноёти арабӣ мулҳақ аст, на дар ҳаққи васфи он ба байнуна, вақте нияти онро накарда бошад, яъне бо он, агар нияти талоқ накарда бошад, талоқи боин воқеъ намешавад (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 463–464).

[1] Ин се лафз назди фуқаҳо аз қисми сеюми киноёти талоқ ба шумор мераванд, яъне танҳо барои ҷавоби дархости зан талоқро аз мард ихтисос ёфтаанд, вале ҳукми онҳо дар ҳолати ризо ба лафзҳои сареҳи талоқ мулҳақ ва бо онҳо, агар мард нияти талоқро карда бошад, як талоқи рағъӣ воқеъ мешавад, агар нияти ғайри талоқро карда бошад, чизе воқеъ намешавад, зеро онҳо лафзҳои киноя ҳастанд, эҳтимоли ғайри талоқро низ доранд ва дар ҳолати ризо эҳтимоли мавриди назар дар онҳо танҳо бо ният муайян сохта мешавад. Дар ҳолати музокираи талоқ ба ният ниёз надоранд, зеро қаринаи ҳол эҳтимоли ғайри талоқро аз онҳо мунтафӣ месозад, вале бо онҳо дар ин ҳолат низ як талоқи рағъӣ воқеъ мешавад (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 170–173; Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 55–56; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 522–523).

[2] Киноёти талоқ ба эътибори ҳукми шаръие, ки назди фуқаҳо аз онҳо ҳосил мешавад ва фароянди ҳуқуқие, ки дар пай доранд, ба ду қисм тақсим шудаанд. Дар қисми аввал ҳукми ҳосилшуда аз онҳо як талоқи рағъӣ аст ва он дар се лафзи маъруф назди фуқаҳо ва мулҳақоти онҳо сурат мегирад. Дар қисми дуюми киноёт, мард агар нияти як ё ду талоқро намояд, як талоқи боин воқеъ мешавад, агар се талоқро ният карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад ва агар ғайри талоқро ният карда бошад ё чизе ният накарда бошад, дар ҳолати ризо тасдиқ карда мешавад ва чизе воқеъ намегардад.

Киноёти талоқ боз ба дигар эътибор ба ду қисм тақсим мешаванд: Қисме, ки лафзҳо дар он киноя аз ҳукми талоқ ҳастанд ва қисме, ки лафзҳо дар он киноя аз тафвизи талоқ ҳастанд. Бо лафзҳои киноя дар қисми аввали ин тақсим талоқи боин воқеъ мешавад ва дар қисми дуюми он ки аз ду лафз: *«Ихтиёр кун – ихторӣ!»* ва *«амрат ба дастат – амруки биядики»* иборат аст, амри талоқ ба зан муфавваз (вогузор) мегардад. Амри талоқ дар ин ду лафз вақте ба зан вогузор мегардад, ки мард бо ин лафзҳо нияти талоқро карда бошад ва зан пас аз он (нияти мард) бигӯяд: *«Нафси худ ё хешро ихтиёр кардам»* ва *«худамро талоқ додам»* (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 55–56; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 522–523).

«Талоқ бо лафзҳое, ки аз рӯи урф дар боби талоқ корбурди сареҳ доранд, бе ниёз ба ният воқеъ мешавад ва бо лафзҳои киноя, ки эҳтимоли маънои талоқ ва ғайри онро доранд, бо ният воқеъ мешавад».[1]

Лафзҳои киноя талоқ ба ду чиз: ният ё қаринаи ҳол (мотив) вобаста мебошанд.[2] Агар яке аз ин ду чиз дар вақти гуфтани лафзҳои киноя талоқ мавҷуд бошад, талоқ воқеъ мешавад ва дар ғайри он чизе воқеъ намегардад. Зеро ин лафзҳо эҳтимоли ду маъно: талоқ ва ғайри онро доранд. Вақте мард бо гуфтани ин калимаҳо нияти талоқро накарда бошад, яъне онҳоро бо мақсади талоқ ба кор набурда бошад ва ҳамчунин қарина (мотив)-и он вуҷуд надошта бошад, онҳо маънои аслӣ ва луғавии худро ифода менамоянд, на маънои талоқро.

Ҳолоте, ки талоқ дар онҳо ё бо ният ва ё бо қаринаи ҳол воқеъ мешавад, се ҳолатанд: ҳолати ризо, ҳолати ғазаб ва ҳолати музокира (гуфтугӯ ё мушоҷара дар бора)-и талоқ. Ду ҳолати ахири онҳо барои тарҷеҳи маънои талоқ дар лафзҳои киноя талоқ қаринаи ҳол ба шумор мераванд, ҳолати аввал – ҳолати ризо дар ҳеҷ маврид қаринаи ҳол ба шумор намеравад ва вуқӯи талоқ дар он ба ният ниёз дорад. Баъзе муҳаққиқон, ба монанди соҳиби Фатҳ онҳоро ду ҳолат: ҳолати ризо ва ҳолати ғазаб дониста, музокираи талоқро аз ҳолатҳое ба шумор овардаанд, ки дар ҳар яке аз ду ҳолати қаблӣ рост меояд, зеро дархости талоқ, ки ба ҳолати музокираи талоқ бастагӣ дорад, дар яке аз ду ҳолати қаблӣ сурат мегирад.[3]

Тамоми лафзҳои кинояи талоқ салоҳият (шоистаги)-и воқеъ шудан дар ҷавоби дархости зан талоқро аз мард доранд, вале қисме аз онҳо эҳтимоли радди дархост ё адами ҷавоби занро низ дар худ доранд, қисми дигаре эҳтимоли дашном ва носазо гуфтан ба ӯро доранд, на радро ва қисме аз онҳо на эҳтимоли рад ва на эҳтимоли дашному носазо гуфтанро доранд, балки маҳз салоҳияти ҷавобро доранд ва ба он ихтисос ёфтаанд. Пас ба ин тартиб, лафзҳои киноя талоқ бар се қисм тақсим мешаванд:

Лафзҳое ба монанди: берун шав – ухруҷӣ, бирав – изҳабӣ, бархез – қумӣ, чодар ба сар кун – тақаннаъӣ, ба чодар шав – тахаммарӣ, худро бипӯш – тасаттарӣ, мунтақил шав – интақилӣ, равон шав – инталиқӣ (ин ду ба мисли ухруҷӣ ҳастанд), гум шав – уғрубӣ ва дур шав – уъзубӣ эҳтимоли рад ва салоҳияти ҷавоб ҳар дуро доранд, вале эҳтимоли дашном ва носазоро надоранд.

Лафзҳое ба монанди: халийятун – холӣ, барийятун – ҷудо ва пок, ҳаромун – мумтанеъ ё мамнӯъ, боинун – ҷудо ва мунфасил ва муродифи он, ба мисли баттатун – мақтӯъ ва ҷудогашта ва батлатун – мунқатеъ ва ҷудо эҳтимоли дашному носазо ва салоҳияти ҷавоб ҳар дуро доранд,[4] вале эҳтимоли радро надоранд.

---

[1] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 7. – С. 372.

[2] Қарина ё далолати ҳол иборат аст аз музокираи талоқ ё ҳолати ғазаб. Вақте мард бо лафзҳои киноя талоқ ба занаш муроҷиат кард, дар ҳоле ки нияташ мушаххас ва маълум набошад, агар он дар ҳолати музокираи талоқ содир шуда бошад, дар лафзҳои қисми дуюм ва сеюм ба вуқӯи талоқ ҳукм мешавад ва агар дар ҳолати ғазаб содир шуда бошад, дар лафзҳои қисми сеюм ба вуқӯи талоқ ҳукм мешавад. Зеро ин ҳолот ё қаринаҳо собит месозанд, ки мард қасди талоқро доштааст. Музокираи талоқ он аст, ки миёни зану шавҳар дар бораи талоқ гуфтугӯ ва мушоҷара шавад ва зан ё каси дигаре аз мард талоқро талаб кунад. Ҳолати музокираи талоқ қаринаи қавитар аз ҳолати ғазаб аст.

[3] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 58–59; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 516–517; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 458.

Бар асоси гуфтаи соҳиби Фатҳ, қавл ба ин сурат таҳрир меёбад, ки дар ҳолати ризои муҷаррад (холӣ) аз дархости талоқ дар тамоми лафзҳои аксоми сегонаи киноёт мард дар нияташ, ки қасди талоқро надошта ё аслан нияте надошта, тасдиқ карда мешавад, дар ҳолати ризое, ки талоқ дар он дархост шуда, нияташ танҳо дар лафзҳои он қисме аз киноёт, ки эҳтимоли ҷавоб ва радро доранд, тасдиқ карда мешавад, ки қасди талоқро надоштааст. Аммо дар ду қисми дигари киноёти талоқ нияташ тасдиқ карда намешавад, зеро талоқ дар ҳолати музокираи талоқ, яъне ҳолати ризои ҳамроҳ бо музокира воқеъ шудааст ва он қаринаи қавӣ барои исботи вуқӯи талоқ аст.

Дар ҳолати ғазаби муҷаррад – холӣ аз музокира ва дархости талоқ нияти мард дар он лафзҳое, ки салоҳияти ҷавоб ва рад ё ҷавоб ва дашномро доранд, тасдиқ карда мешавад, ки вай дар онҳо талоқро ният накарда, балки қасди рад ё дашном ва носазоро доштааст. Дар ҳолати ғазаби мақрун ба музокира ва дархости талоқ дар тасдиқ нашудани қавл ва нияти вай дар лафзҳое, ки танҳо салоҳияти ҷавобро доранд, ду қарина: музокираи талоқ ва ғазаб ҷамъ омадаанд ва дар қабул гардидани қавли вай дар он лафзҳое, ки салоҳияти ҷавоб ва радро доранд, низ он ду қарина ҷамъ омадаанд. Аммо дар он лафзҳое, ки салоҳияти ҷавоб ва дашномро доранд, танҳо қаринаи ғазаб қабули қавли ӯро собит месозад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 59).

[4] Абуюсуф (рҳ) ба қисми киноёте, ки салоҳияти ҷавоб ва эҳтимоли дашномро доранд, лафзҳои дигареро

ҳамроҳ (илҳоқ) кардааст, ки иборатанд аз: «Милке бароям бар ту набошад (нест) – ло милка лӣ алайки», «бароям роҳе бар ту набошад (нест) – ло сабила лӣ алайки», «роҳатро холӣ (боз) кардам – халлайту сабилаки», «аз ту ҷудо гаштам – форақтуки». Ин чаҳор лафзро Валвочӣ зикр карда ва Итобӣ панҷ лафзро овардааст, ки дуи ахир инҳоянд: «Ба аҳли худ бипайванд – илҳақӣ биаҳлики» ва «ресмонат бар гарданат – ҳаблуки ало ғорибики». Соҳиби Дур лафзи: «Роҳи талоқатро боз кардам – халлайту сабила талоқики» ва соҳиби Рад лафзҳои: «талоқатро холӣ ва боз кардам – халлайту талоқаки» ва «талоқатро вогузоштам – таракту талоқаки»-ро дар ҷумлаи онҳо оварда ва афзудааст: Агар мард дар онҳо нияти талоқро дошта бошад, (як) талоқ (-и рачъӣ) воқеъ мешавад ва агар на, чизе воқеъ намешавад (С. 523). Дар Шарҳи Мухтасари Кархӣ омада, ки Абуҳанифа (рҳ) гуфт: Дар лафзҳои: «Роҳе бароям бар ту набошад (нест) – ло сабила лӣ алайки», «никоҳе бароям бар ту набошад (нест) – ло никоҳа лӣ алайки» ва дар лафзҳои «берун шав» ва ғ., ки дар матн зикр шудаанд, дар ҳолати ғазаб ва музокираи талоқ қавл ва нияти мард ғайри талоқро тасдиқ карда намешавад. Зеро ин лафзҳо барои дур сохтан ба кор бурда мешаванд ва шахс аз занаш дар инҳо дур (ҷудо) мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 59).

Аз ҷумлаи киноёти талоқ аст лафзи: «Аз ман дур шав ё гӯша гир – танаҳҳай аннӣ», вале дар лафзи: «Миёни ману ту коре намонда» ва «миёни ману ту чизе намонда», агар нияти талоқ карда бошад, ихтилоф аст, ки оё воқеъ мешавад ё не. Дар лафзи «Чаҳор роҳ бар ту кушодааст – арбаъу туруқин алайки мафтуҳатун», назди аксари машоих бо ният ҳам дар он чизе воқеъ намешавад, магар ин ки ба он лафзи: «аз кадоме хоҳӣ, бирав ё кадомеро хоҳӣ пеш гир ё баргир – хузӣ айяҳо шиъти»-ро биафзояд, пас вачеҳтар (мақбултар, бовачҳтар) он аст, ки як талоқи боин воқеъ мешавад. Аз Муҳаммад (рҳ) дар ривояти Асад омадааст, ки бо он се талоқ воқеъ мешавад. Аммо агар бигӯяд: «Чаҳор роҳ бар ту кушодам», вақте дар он нияти талоқро дошта бошад, гарчи лафзи «хузӣ айяҳо шиъти»-ро дар он наёварад ҳам, талоқ воқеъ мешавад. Лафзи: «Начавти миннӣ – аз ман раҳидӣ ё начот ёфтӣ», аз киноияи талоқ аст, агар мард дар он нияти талоқ карда бошад, як талоқи боин воқеъ мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 59–60; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 461).

Дар қавли мард: «Талоқат бар ман – талоқуки алайя», аслан талоқе воқеъ намешавад, магар ин ки ба он лафзҳои фарзун, воҷибун, лозимун ё собитунро биафзояд, ки машоих дар воқеъ шудани талоқ дар онҳо ихтилоф кардаанд, вале дар Фатовои куброи Хоссӣ овардааст, ки қавли мухтор он аст, ки дар ҳамаи онҳо талоқ воқеъ мешавад. Зеро ин лафзҳо гарчи ба мустақбал далолат доранд, вале дар таоруф ба маънои мозӣ корбурд мешаванд (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 7–8).

Агар ба касе гӯяд: «Талоқашро ба вай (занаш) бибар – бирасон» ё «ӯро аз талоқаш хабар дех» ё «ӯро ба талоқаш мужда дех», талоқ дар ҳол воқеъ мешавад. Дар лафзи: «Ту зани ман нестӣ (ё ту маро зан нестӣ) – ласти

Лафзҳое ба монанди: идда бипой, раҳматро пок соз, ту якеӣ, ту озодӣ, туро раҳо кардам – сарраҳтуки, аз ту ҷудо гаштам – форақтуки эҳтимоли дашному носазо ва радро надоранд, балки танҳо салоҳияти ҷавобро доранд.[1]

Пас дар ҳолати ризо, вақте на хашму ғазаб аст ва на ҳолати музокираи талоқ, таъсири ҳар се қисмати лафзҳои киноя дар вуқӯи талоқ ба ният вобаста (мутаваққиф ва манут) аст. Зеро тамоми ин лафзҳо эҳтимоли талоқ ва ғайри онро доранд ва қаринае, ки онро муайян созад, аз ҳолати ғазаб ва музокираи талоқ, вуҷуд надорад. Агар нияти талоқро дошта бошад, як талоқи боин воқеъ

лӣ биимраатин» ё «ман шӯи ту нестам – мо ана лаки бизавҷин», ихтилоф кардаанд. Назди Абуҳанифа (рҳ) агар нияти талоқро карда бошад, талоқ воқеъ мешавад ва нази Имомайн талоқ воқеъ намешавад, зеро нафйи никоҳ талоқ ба шумор намеравад ва он дурӯғ аст. Он ба мисли ин қавли мард аст: «Туро тазвиҷ накардам (туро ба занӣ дарнаёвардам) – лам атазаввачки», «ба Худо, ту бароям зан нестӣ – валлоҳи мо анти лӣ биимраатин» ва ё вақте пурсида шавад, ки оё бароят зане ҳаст, бигӯяд: «Не» ва нияти талоқ кунад, ки назди Имомайн бо инҳо талоқе воқеъ намешавад. Дар Фатовои Соҳиби Нофеъ овардааст: Вақте зан ба шавҳараш гӯяд: «Шӯи ман нестӣ» ва мард гӯяд: «Рост гуфтӣ» ва нияти талоқро дошта бошад, назди Абуҳанифа (рҳ) талоқ воқеъ мешавад, бар хилофи Имомайн. Ва бар ҳамин хилоф аст қавли вай: «Ту зани ман нестӣ – ласти биимраатӣ ё мо анти биимраатӣ» ё «ман шӯи ту нестам – ласту бизавҷики ё мо ана завҷуки» (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 59–60).

[1] Лафзҳои зикршуда дар ин қисм аз назари вазъи луғавӣ барои талоқ гузошта нашудаанд, балки эҳтимоли он ва ғайри онро доранд, аз ин рӯ, киноияи талоқ ба шумор мераванд. Аммо вақте дар ҷавоби талаб ва дархости зан талоқро аз мард воқеъ шаванд, танҳо барои ҷавоб салоҳият доранд, на барои рад ё дашному носазо. Фуқаҳо аз ин миён се лафзи онҳоро (идда бипой, раҳматро пок соз, ту якеӣ) дар вуқӯи ҳукми талоқ ба лафзҳои сареҳи талоқ мулҳақ кардаанд. Пас бо ин се лафз танҳо як талоқи рачъӣ воқеъ мешавад. Дар ҳолати ризо агар мард дар онҳо чизе ният накарда бошад, пас қазоан тасдиқ карда мешавад. Зеро он се лафз эҳтимоли ғайри талоқро низ доранд. Мас. лафзи «идда бипой – иътаддӣ» аз решаи адд ба маънои ҳисоб кардан ва баршумурдан аст ва он ҳамон гуна ки эҳтимоли поидани иддаи талоқро дорад, эҳтимоли баршумурдани неъматҳои Худовандро низ дорад. Пас дар сурати нияти талоқро надоштани мард, он ба маънои ғайри талоқ ҳамл мешавад ва бо он чизе воқеъ намешавад. Лафзи «раҳматро пок соз – истабриӣ раҳимаки» низ ҳамин маъноро дорад. Лафзи «ту якеӣ – анти воҳидатун» ҳамон гуна ки эҳтимоли як талоқро дорад, эҳтимоли маънои назди ман ё назди қавмат ягона ва беназириро низ дорад.

мешавад, агар нияти ғайри талоқро дошта бошад ё дар он нияте надошта бошад, пас сухани вай ҳамроҳ бо савгандаш қабул ва тасдиқ карда мешавад ва ҳеҷ чизе воқеъ намегардад.

Дар ҳолати ғазаб, ки қаринаи ҳол аст, дар ду қисми аввал, агар нияти талоқро дошта бошад, талоқ воқеъ мешавад ва агар нияти талоқро надошта бошад, чизе воқеъ намешавад. Зеро лафзҳои ду қисмати аввал эҳтимоли рад ва ҷавоб ё эҳтимоли дашному носазо ва ҷавобро доранд ва дар қаринаи ҳол, ки иборат аз ҳолати ғазаб аст, низ ҷонибе тарҷеҳ дода намешавад, яъне қаринаи ҳол низ ба ду эҳтимол далолат мекунад. Пас дар ин мавриди низ таъсири лафзҳои киноя дар вуқӯи талоқ ба ният бастагӣ дорад. Аммо таъсири лафзҳои қисми сеюм, ки танҳо салоҳияти ҷавобро доранд, дар ҳолати ғазаб дар вуқӯи талоқ ба ният ниёз надоранд. Зеро ин қаринаи ҳол эҳтимоли ғайри талоқро дар онҳо мунтафӣ месозад ва барои ифодаи талоқ соф ва муайян мегарданд.

Дар ҳолати музокираи талоқ, ки қаринаи қавӣ аст, танҳо қисмати аввали лафзҳои киноя ба ният вобаста ҳастанд. Агар дар онҳо нияти талоқ карда бошад, талоқ воқеъ мешавад ва агар на, чизе воқеъ намешавад, зеро лафзҳои киноя дар ин қисмат эҳтимоли рад ва салоҳияти ҷавоб ҳар дуро доранд ва қаринаи ҳол низ эҳтимоли ҳар ду маъноро дорад. Пас танҳо ният эҳтимоли мавриди назар дар онҳоро муайян месозад. Ва дар лафзҳои ду қисмати ахир талоқ бе ният низ воқеъ мешавад, зеро гарчи онҳо эҳтимоли талоқ ва ғайри онро доранд, вале ҳолати музокираи талоқ эҳтимоли ғайри талоқро аз онҳо мунтафӣ (бартараф ва рад) месозад. Пас таъсири онҳо дар вуқӯи талоқ ба ният ниёз надорад.

Хулоса, лафзҳои навъи аввал дар ҳар се ҳолат: ризо, ғазаб ва музокираи талоқ ба ният вобастагӣ доранд, лафзҳои қисми дуюм танҳо дар ҳолати ризо ва ғазаб ба ният вобастагӣ доранд ва дар ҳолати музокира талоқ бе ният низ дар онҳо воқеъ мешавад ва лафзҳои қисми сеюм танҳо дар ҳолати ризо ба ният мавқуф ҳастанд ва дар ҳолати ғазаб ва музокира талоқ дар онҳо бе ният воқеъ мешавад.[1]

ВАСФЕРО БА ЛАФЗИ ТАЛОҚ АФЗУДАН

Агар талоқро бо лафзҳои ибона воқеъ созад ё васфи зиёдатие ба калимаи талоқ биафзояд ва талоқро бо қатъӣ, сахтӣ, калонӣ, бисёрӣ, тезӣ, бурандагӣ ва ғайра васф намояд, талоқи боин воқеъ мешавад. Ба монанди ин ки бигӯяд: «Ту талоқи боин ҳастӣ, ту ба сахттарин талоқ талоқ ҳастӣ ё ба қабеҳтарин талоқ талоқ ҳастӣ, ту ба талоқи шайтон талоқ ҳастӣ ё ту ба талоқи бидъат талоқ ҳастӣ ё ту монанди кӯҳ талоқ ҳастӣ ё бо пурии хона талоқ ҳастӣ ва ҳоказо». Бо чунин калимаҳо як талоқи боин воқеъ мешавад.[2]

Корбурди лафзҳои сареҳи талоқ ду ҳолат дорад ва бинобар он, сареҳи талоқ ба ду навъ – сареҳи рачъӣ ва сареҳи боин ҷудо мешавад:[3]

а) Ҳолат ё навъи аввал он аст, ки лафзҳои сареҳи талоқ дар он бе ҳеҷ қайде ба кор раванд, талоқ баъд аз духули ҳақиқӣ сурат гирифта бошад ва ба иваз (мол дар хулъ) ё адади се на бо нас (ибора) ва на бо ишора мақрун набошад. Дар ин сурат, ҳамон гуна ки дар мавзӯи «Сареҳи талоқ» зикр гардид, як талоқи рачъӣ воқеъ мешавад.

б) Ҳолат ё навъи дуюм он аст, ки талоқ бо лафзҳои ибона[4] ё бо лафзҳои талоқ, вале пеш аз духули ҳақиқӣ[5] ё пас аз духул, вале ҳамроҳ бо қайд (васф)-ҳои қатъӣ (албатта), ҷудоӣ (боин), шиддат (сахтӣ), калонӣ, тезӣ ва ғайра ё мақрун ба адади се бо нас ё бо ишора,[6] чӣ тавре дар

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 170–173; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 516–522; Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 458–461.

[2] Дар «Ҳидоя» омадааст: «Дар ин суратҳо, агар ҳеҷ нияте надошта бошад (зеро лафзҳои сареҳи талоқ ба ният ниёз надоранд) ва ё нияти як ва ё ду талоқро дошта бошад, як талоқи боин воқеъ мешавад, вале агар нияти се талоқро дошта бошад, се талоқ воқеъ мешавад» (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 163-167).

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 447.

[4] Калимаҳо ва ибораҳое, ки бо онҳо талоқи боин воқеъ мешавад.

[5] Талоқе, ки пеш аз духул (ҳамхобагӣ) ва хилвати саҳеҳа сурат мегирад, талоқи боин аст, гарчи бо лафзҳои сареҳи талоқ воқеъ шуда бошад.

[6] Талоқе, ки мақрун ба адади се бо нас ё бо ишора воқеъ шуда бошад, гарчи бо лафзҳои сареҳи талоқ сурат гирифта бошад ҳам, талоқи боин (байнунаи кубро) ба шумор меравад. Талоқе, ки адади се дар он бо ишора баён шудааст, ба мисли ин ки мард ба занаш бигӯяд: Ту талоқӣ ва бо се ангушти бузург, ишора ва миёнааш ба сӯи вай ишора кунад.

боло зикр шуд, воқеъ шавад. Дар ин суратҳо бо лафзҳои сареҳ талоқи боин воқеъ мешавад.

Агар талоқро нисф ва ё се қисмат намояд ва бигӯяд: «Ту ним талоқ ҳастӣ ё сулси (аз се як ҳиссаи) як талоқ ҳастӣ ва ё аз се ду ҳиссаи як талоқ ҳастӣ», дар тамоми ин суратҳо як талоқи комил воқеъ мешавад, зеро талоқ таҷзияпазир (тақсимшаванда) нест.

Агар бигӯяд: «Ту якуним талоқ ҳастӣ» ду талоқ воқеъ мешавад.

НИСБАТ ДОДАНИ ТАЛОҚ БА УЗВҲОИ БАДАНИ ЗАН

Нисбат додани талоқ ба узвҳои ҳаётан муҳимми бадани зан низ ҷоиз аст ва воқеъ мешавад. Узвҳои бадан дар субути ҳукми талоқ ба ду қисманд:

а) Он узвҳое, ки аз итлоқи онҳо кулли бадан мавриди назар мебошад, ба монанди гардан, сар, рӯй, фарҷ, рӯҳ ва нафс. Ин узвҳо дар субути талоқ ҳукми кулли баданро доранд. Ҳамчунин агар талоқро ба бадан ва ё ҷисми зан нисбат диҳад, бегуфтугӯ, он воқеъ мешавад.

б) Узвҳое, ки итлоқи онҳо аз кулли бадан таъбир намешавад, ба монанди нохун, ангушт, мӯй, дандон, оби даҳон, арақи бадан ва ғайра. Ин узвҳо ҳукми кулли баданро надоранд ва бо нисбати талоқ ба онҳо чизе воқеъ намешавад.

Ҳамчунин бо нисбат додани талоқ ба даст, по, зону, соқ, пушт (заҳр), шикам (батн), забон, даҳон, дандон, гӯш, занахдон ва ғайра, чизе воқеъ намешавад.[1] Дар ин калимаҳо талоқ то вақте воқеъ намешавад, ки дар корбурди урфӣ ба маънои кулли бадан наомада бошанд. Агар корбурди онҳо дар замоне тағйир ёфта ба маънои кулли бадан ба кор раванд, дар он сурат талоқ воқеъ мешавад.[2]

Вале агар ба таври киноя аз ин узвҳо кулли баданро дар назар гирад, талоқ дар онҳо низ воқеъ мешавад. Пас корбурди ин калимаҳо дар маҷмӯъ се навъ аст:

а) Калимаҳое, ки бо сароҳат ба маънои кулли бадан ба кор бурда мешаванд, ба монанади сар, гардан ва ғайра. Бо нисбати талоқ ба онҳо талоқ воқеъ мешавад.

б) Калимаҳое, ки ба таври киноя ба маънои кулли бадан ба кор бурда мешаванд, ба монанди даст, по ва ғайра. Дар ин калимаҳо вақте ба таври киноя ба маънои кулли бадан ба кор раванд ва дар онҳо талоқро ният кунад, дар он сурат талоқ воқеъ мешавад.

в) Калимаҳое, ки на сароҳатан ва на ба таври киноя ба маънои талоқ ба кор бурда намешаванд, ба монанди нохун, дандон, мӯй ва ғайра. Дар инҳо ният ҳам намояд ва мас., бигӯяд: Дандони ту талоқ, чизе воқеъ намешавад.[3]

Агар талоқро ба ҷузъи умумие, ба монанди нисф, сулс, чаҳоряк ва ғайра, нисбат диҳад ва мас., бигӯяд: Нисф ва ё сулси ту талоқ, он воқеъ мешавад.

БАЁНИ МАСОИЛИ ИН БОБ

– Шахсе талоқро ба узвҳои бадани зани худ нисбат дода, бигӯяд: *«Гардани ту талоқ, ё сари ту талоқ, ё рӯҳ (ҷон)-и ту талоқ, ё бадани ту, ё ҷасади ту, ё фарҷи ту, ё рӯи ту, ё нисфи ту ва ё сулс (сеяк)-и ту талоқ»* ва қисматҳое аз баданро ном барад, ки ҳукми тамоми баданро доранд, дар тамоми ин гуфтаҳо зан талоқ мешавад.

– Шахсе дар як маҷлис (нишаст) ба зани худ бигӯяд: *«Як талоқ, ду талоқ, се талоқ ё якбора бигӯяд: се талоқ, ё ҳазор талоқ, ё бештар»,* ҳамсараш се талоқ мешавад. Он зан то бо марди дигаре ба шавҳар набарояд ва шавҳари нав бо ихтиёри худ ӯро талоқ надиҳад ва ё намирад, барои шавҳари якум ба ҳеҷ унвон ҳалол намешавад ва он ҳам дар сурате ба шавҳари аввал ҳалол мегардад, ки шавҳари дуюм бо ӯ ҳамбистар шавад. Дар ин мавриди никоҳи танҳо басанда намебошад.

– Шахсе аёли худро як талоқи раҷъӣ диҳад ва руҷӯъ кунад, боз пас аз чанд соле вайро як талоқи раҷъии дигар намояд ва ҳамчунин руҷӯъ кунад ва бори сеюм пас аз чанд муддате, агарчи даҳсолаҳо бошад, боз ӯро талоқи раҷъии дигаре намояд, он зан сеталоқа мешавад ва талоқҳои пароканда ҷамъ мегарданд.

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 146-147; Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 12-14; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 456-460.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 460.

ҲУКМИ СЕТАЛОҚА

Вақте мард ҳамсарашро се талоқ намояд, тамоми пайвандҳо дар миёнашон қатъ мегарданд ва пас аз он ҳамсараш барои вай ҳалол намегардад, яъне шавҳар дигар ҳаққи бозгаштро ба занаш бо никоҳ ҳам надорад, то он ки зан ба марди дигаре ғайр аз шавҳари қаблиаш ба шавҳар барояд ва дар оянда аз вай ҷудо гардад. Вақте шавҳари дуюм ӯро талоқ кунад, ӯ ва шавҳари аввалаш метавонанд бо ҳам бозгашт намоянд. Он ҳам дар сурате, ки ба таври яқин ва ё бо ғолиби гумонашон бовар дошта бошанд, ки ҳудуди Худовандро барпо медоранд ва бозгашти онҳо дар чунин шакле бар онҳо гуноҳе ба ҳамроҳ надорад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

«Агар шавҳар пас аз он (ду бор талоқи раҷъӣ боз) ҳамсарашро талоқ намояд, он гоҳ то бо марди дигаре ғайр аз ӯ ба шавҳар набарояд, барояш ҳалол намегардад. Пас аз он агар (шавҳари дуюм) ӯро талоқ кунад, дар сурате, ки бо ғолиби гумонашон ба барпо доштани ҳудуди Худованд яқин дошта бошанд, дар бозгашти онҳо ба якдигар ҳеҷ гуноҳе бар онҳо нест».[1]

Аз ифодаҳои қуръонӣ ва марзбандии сахти ҳукмие, ки пас аз талоқи сеюм муқаррар гардидааст, чунин бармеояд, ки манзури шаръи муқаддаси ислом аз иҷоза ва эътибори қонунии се талоқ ҳаргиз ин нест, ки ба иҷро бароварданӣ он беҳтарин роҳ аст. Нахуст бо омодасозии мардум аз назари равонӣ ва эътиқодӣ ба онҳо тавсия намудааст, ки талоқ умуман, дар пешгоҳи Худованд кори бад ва нописанде мебошад, вале агар зиндагонӣ то ҷое номумкин гардад, ки ба ҷудоии онҳо анҷомад, дар он сурат як талоқи раҷъӣ ва пас аз он, агар дар ояндаи зиндагӣ боз вазъи ҳалнопазире пеш омад, талоқи дуюми раҷъӣ намояд. Ва бо ҳамин, зану шавҳар агар ба тавофуқе нарасиданд, роҳи ҷудогонаи худро дар пеш гиранд.

Барои ҳамин имом Молик (рҳ) ва баъзе фақеҳони дигар талоқи сеюмро ноҷоиз ва бидъат гуфтаанд. Имомони дигар, ҳарчанд се талоқеро, ки ба таври ҷудогона ва дар се покӣ ба вуқӯъ пайваста бошад, ҷоиз ва ғайри бидъӣ гуфтаанд, вале ҳама онро нописанд ва кори баде донистаанд. Насоӣ дар ривояте аз Маҳмуд ибни Лабид мефармояд, ки: *«Ба расули Худо (с) хабар расид, ки марде якбора занашро се талоқ кардааст. Он ҳазрат (с) бо хашм аз ҷой бархест ва фармуд: Оё бо китоби Худо бозӣ мешавад, дар ҳоле, ки ман ҳанӯз дар миёни шумо ҳастам? То он ки марде аз ҷой бархост ва гуфт: Эй расули Худо (с) оё ӯро бикушам?».*[2]

Чӣ тавре мушоҳида менамоем, расули Худо (с) барои риояи ҳудуди Худованд ва ҳимояи ҳуқуқҳои занон ба гунае ба хашм омад, ки баъзе саҳобагон ҷоизулқатл будани чунин қонуншикан ва бозикунанда ба муқаррароти Худоро истинбот намуданд.

Бар ҳар ҳол, агар талоқ пас аз ин ҳама таълимоти дақиқи қуръонӣ ва иршодоти гуҳарбори расули Худо (с) якбора ва ба сурати се талоқ ба иҷро бароварда шавад, аз назари ҷумҳури аҳли суннат се талоқ воқеъ мешавад. Бар асоси ин оят талоқи сеюме, ки пас аз ду талоқи раҷъӣ ва ба таври ҷудо-ҷудо карда мешуд, воқеъ мегардад. Ҳатто агар се талоқ бо талоққҳои боин, вале дар се навбат ва ба таври ҷудо аз ҳам ба иҷро бароварда шаванд, он низ воқеъ мешавад ва дар он ҳеҷ гуногунраъйие вуҷуд надорад. Танҳо дар воқеъ шудани се талоқи якбора ва дар як лафз назароти гуногун дар миёни баъзе фақеҳон вуҷуд дорад, вале ба ақидаи ҷумҳури аҳли суннат он низ воқеъ мешавад.

Ба ақидаи аксари муфассирон ва фақеҳон дар вуқӯъи се талоқе, ки ба як лафз ва бо адади се ба иҷро бароварда шудааст, ҳеҷ гуна ихтилофе вуҷуд надорад ва дар замони расули Худо (с) низ чунин талоқе се талоқ ба шумор мерафт. Аммо он чи ки дар Саҳеҳи Муслим аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст, ки дар аҳди расули Худо (с), дар даврони хилофати Абубакр (рз) ва дар ду соли аввали хилофати Умар (рз) «се талоқ» як талоқ ба шумор мерафт, он гоҳ Умар ибни Хаттоб (рз) фармуд: *Мардум дар коре, ки дар он фурсат доштанд, шитоб намуданд. Пас бояд онро бар онҳо ба иҷро дароварем ва пас аз он се талоқро ба ҳукми се талоқ дароварад*,[3] ба талоқе бармегардад, ки калимаҳои ба кор рафта дар он эҳтимоли се талоқ ва як талоқ ҳар дуро доранд ва адади онҳо пас аз пурсида-

[1] Сураи Бақара, 2: 230.

[2] Сунани Насоӣ, 3401; Сунани Куброи Насоӣ, 5594.

[3] Саҳеҳи Муслим, 3673 (14772)-15.

ни ният ва савганд додани талоқдиҳанда муайян сохта мешавад.

Ҳарчанд муфассирон ва фақеҳони киром пас аз таҳқиқи мавзӯъ ба ин нуқтаи назар бештар такя намудаанд, ки ин масъала дар замони Умар (рз) бо иҷмои саҳобагони расули Худо (с) сурат гирифтааст ва иҷмои (иттифоқи назари) онҳо эътибори шаръӣ дорад ва лозим ба пайравӣ мебошад, вале муҳаққиқони дигар, ба монанди Муфтӣ Муҳаммадшафеи Усмонӣ ва доктор Ваҳба Зуҳайлӣ назари дақиқтареро барои хонандагон пешниҳод намудаанд.[1]

Соҳиби тафсири «Маорифу-л-қуръон» пас аз таҳқиқ мегӯяд: Бо тааммул дар баррасиҳои боло ду савол матраҳ мегардад: Яке ин ки дар навиштаҳои боло бо истинод ба ривоятҳои ҳадис ин амр собит мешавад, ки худи расули Худо (с) се талоқро бар шахси талоққунанда ба иҷро бароварда, иҷозати руҷӯъ ва ё таҷдиди никоҳро барои ӯ надодааст ва се талоқ дар замони он ҳазрат (с) низ се талоқ ба шумор мерафт. Пас манзури Ибни Аббос (рз) дар ин ривоят, ки: *«…то ду соли аввали хилофати Умар (рз) се талоқ як талоқ ба ҳисоб мерафт»* чист?

Дуюм он ки агар тасдиқ карда шавад, ки дар замони расули Худо (с), даврони хилофати Абубакр (рз) ва ду соли аввали хилофати Умар (рз) се талоқ як талоқ ба ҳисоб мерафт, пас ҳазрати Умар (рз) чӣ гуна онро тағйир дод? Агар, фаразан, ӯ ба иштибоҳе роҳ дода бошад, тамоми саҳобагон чаро онро пазируфтанд?

Ҷавоби дуруст он аст, ки Нававӣ дар шарҳи Саҳеҳи Муслим баён намудааст. Ин дастури ҳазрати Умар (рз) ва иҷмои саҳобагон танҳо дар як навъи сеталоқа мебошад ва он ин аст, ки агар шахсе ба ҳамсараш се бор: Ту талоқӣ, ту талоқӣ, ту талоқӣ ва ё се бор: Ман туро талоқ кардам, талоқ кардам, талоқ кардам бигӯяд. Ин сурат ва шакли (формулаи) талоқ эҳтимоли ду маъноро дар худ дорад, яке он ки такрори калимаҳо дар ду бори охир барои таъкиди маънои ибораи аввал мебошад ва шахс ҳаргиз нияти се талоқро аз онҳо надорад. Нияти шахсро дар чунин мавридҳо аз баёнот ва иқрори худи ӯ фаҳмида мешавад. Яке аз қоидаҳо ва асосҳои дастури забони арабӣ (низ) таъкиди лафзӣ мебошад, ба ҳамон сурате, ки дар ибораҳои боло омадааст. Дар замони расули Худо (с) диндорӣ, ростгӯӣ ва худотарсии мардум дар ҷомеъа фарогир буд ва намои намунавии он ба шумор мерафт. Бинобар ин, расули Худо (с) изҳороти шахси талоқдиҳандаро пас аз савганд ёд намуданаш тасдиқ ва агар мегуфт, ки аз калимоти боло нияти як талоқро дорад, як талоқро барояш ҳукм мекард.

Дар замони хилофати Абубакр (рз) ва ду соли аввали хилофати Умар (рз) низ ҳанӯз фазои олии маънавӣ ва рӯҳи беолоиш бар ҷомеъаи исломӣ ҳоким буд. Пас аз он бо густариши қаламрави хилофати исломӣ ва пайвастани миллатҳо ва мардумони нав ба ислом он фазои қаблӣ то андозае тағйир хӯрд ва дар оммаи мардум дигар он сафои ният камтар мушоҳида мешуд.[2]

Дар чунин ҳолат баъзан мардум барои нофиз сохтани дурӯғҳояшон низ савганд мехӯрданд. Пас марҳалаи ба кор бурдани калимаҳо дар зоҳири маъноянашон ба вуҷуд омад. Эҳтимоли дуюм ва зоҳири лафз аз назари забонӣ низ онро тақозо менамояд. Умар (рз) ва саҳобагони киром дигар ба кор рафтани калимаҳоро ба шакли мазкур дар боби таъкид аз эҳтимол дур дониста, онҳоро се талоқи ҷудогона ҳукм намуданд. Дар замони қабл бошад, танҳо дар сурати эътирофи шахс ба нияти се талоқ ҳукми се талоқро мегирифт.

Ин кори Умар (рз) ва саҳобагони киром барои он буд, ки аҳком ва ҳудуди Худованд, ба монанди никоҳу талоқ бозичаи дасти мардум қарор нагиранд. Аммо се талоқе, ки якбора ва бо адади се ба иҷро бароварда мешуд, дар замони худи расули Худо (с) ҳам се талоқ ба ҳисоб мерафт. Сухани Умар (рз): «*Кореро, ки дар он фурсат доштанд, ба шитоб афтоданд»* низ ба ҳамин амр далолат менамояд.[3]

---

[1] Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ мавзӯи сеталоқаро дар китоби ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу, мавзӯи «Ақволи фақеҳон дар бораи се талоқ ба як лафз» (Ҷ. 7. – С. 390-396) ба тафсил баён кардааст.

[2] Қайд кардан зарур аст, ки ин ҳолат дар оммаи мардуми нав ба ислом гароида мушоҳида мешуд, вале худи саҳобагони киром ҳамон сафои маънавӣ ва фазои имонии худро то охир ҳифз намудаанд.

[3] Тафсири «Маорифу-л-Қуръон». – Ҷ. 2. – С. 305-308. «Фиқҳи исломӣ ва адиллатуҳу», Доктор В. Зуҳайлӣ. Мавзӯи «Ҳукми сеталоқа» то ин ҷо аз тафсири «Навини Қуръони карим», таълифи муаллиф, тафсири ояти 230-юми сураи «Бақара» иқтибос шудааст.

Он чи аз гуфтаҳои пешвоёни мазҳабҳои аҳли суннат дар бораи воқеъ шудани се талоқ дар як маҷлис бар меояд, ин аст, ки се талоқ ба як лафз ва дар як маҷлис воқеъ мешавад.

Дар китоби «Фиқҳ бар асоси мазҳабҳои чаҳоргона» омадааст, ки се талоқ бо як лафз ва дар як маҷлис бар асоси чаҳор мазҳаби аҳли суннат се талоқ воқеъ мешавад ва ин раъйи ҷумҳури аҳли суннат дар масъалаи се талоқ бо як лафз мебошад, вале назари баъзе муҷтаҳидон ва дар садри онҳо Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) бар хилофи назари ҷумҳур дар ин масъала он аст, ки бо гуфтани се талоқ бо як лафз як талоқ воқеъ мешавад.

Дар ҳадисе, ки онро Муслим аз Ибни Аббос (рз) ривоят мекунад, омадааст: *«Се талоқ дар замони расули Худо (с), дар (давраи хилофати) Абубакр ва ду соли аввали хилофати Умар як талоқ ба шумор мерафт. Пас аз он Умар ибни Хаттоб гуфт: Мардум дар коре, ки бароямон дар он фурсат буд, шитоб намуданд. Агар онро бар эшон ба мавриди иҷро гузорем ва онро бар мардум ба мавриди иҷро гузошт»*.[1]

Ба ҳар сурат, се талоқ бо як лафз аз ҷумлаи масоили иҷтиҳодӣ мебошад, ҳамон гуна, ки ба қавли Умар (рз) ва амалкарди аксари саҳобагон дар он давра амал кардан ҷоиз аст, ба қавли баъзе саҳобагоне, ки назари онҳо бар хилофи раъйи ҷумҳур аст, низ амал кардан ҷоиз мебошад, зеро назари иҷтиҳодии ҳеҷ муҷтаҳидеро бар назари муҷтаҳиди дигар тарҷеҳ дода намешавад, магар бо далеле, ки онро тақвият намояд. Чӣ тавре мушоҳида менамоем, далели Ибни Аббос (рз) ва ҷонибдорони вай дар ин масъала, ҳарчанд ақаллиятро ташкил диҳанд ҳам, хеле қавӣ мебошад.[2]

Бо вуҷуди ин, раъйи ҷумҳури аҳли суннат дар ин масъала барои пайравӣ авлотар аст ва мавқеи мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат дар ин масъала низ ҳамин мебошад, ҳарчанд дар ҳолатҳои зарурӣ амал кардан ба қавли Ибни Аббос (рз)-ро низ баъзе фақеҳон ҷоиз мешуморанд.

Бояд гуфт, ки се талоқ ҳамон гуна ки бо зикри адади се лафзан воқеъ мешавад, бо ишора низ воқеъ мешавад. Мас., агар ба занаш бигӯяд: Туро талоқ кардам ва бо се ангушташ ишора намояд, се талоқ воқеъ мешавад. Агар бо ду ангушташ ишора намояд ду талоқ ва агар бо як ангушташ ишора намояд, як талоқ воқеъ мешавад.[3]

[1] Саҳеҳи Муслим, 3658 (1472)-15.

[2] Абдурраҳмони Ҷузайрӣ, Фиқҳ бар асоси мазҳабҳои чаҳоргона. Ҷ. 4. – С. 258, 259. – Қоҳира: Мактабату-с-сафо, 2003.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 162; Фатҳулқадир. – Ҷ. – С. 43; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 482-485.

Фасли севвум

АҲКОМИ ТАЛОҚ ПЕШ АЗ ҲАМБИСТАРӢ ВА ХИЛВАТИ САҲЕҲА

Шахсе ҳамсари худро, ки ҳанӯз бо ӯ ҳамбистарӣ накарда ва хилвати саҳеҳа миёни онҳо сурат нагирифтааст, талоқ намояд, он талоқи боин мешавад, чи лафзҳои сареҳи талоқро ба кор бурда бошад ва чи киноятҳои талоқро. Талоқи боин, чуноне баёнаш меояд, тамоми пайвандҳои заношавҳариро, ба ҷуз нафақа ва ҳаққи сукно то поёни муддати идда, аз байн мебарад, яъне агар хоста бошанд, ки аз сари нав ба зиндагии заношӯӣ идома диҳанд, бояд миёни онҳо маросими ақд сурат бигирад.

Талоқи зан пеш аз духул (ҳамхобагӣ) ва хилвати саҳеҳа ниёзе ба идда надорад, яъне дар талоқи пеш аз духул ва хилвати саҳеҳа ба муҷарради воқеъ шудани талоқ, зан метавонад шавҳари дигар намояд. Қуръони карим мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نَكَحْتُمُ ٱلْمُؤْمِنَٰتِ
ثُمَّ طَلَّقْتُمُوهُنَّ مِن قَبْلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ
فَمَا لَكُمْ عَلَيْهِنَّ مِنْ عِدَّةٍ تَعْتَدُّونَهَا

«Эй касоне, ки имон овардаед, вақте занони муъминаро никоҳ намудед, он гоҳ онҳоро пеш аз ҳамбистарӣ ва даст расонидан талоқ кардед, бар онҳо иддае нест, ки онро барои шумо бинишинанд…».[1]

Шахсе ба ҳамсари худ, ки миёни онҳо ҳамхобагӣ ва хилвати саҳеҳа сурат нагирифтааст, бигӯяд: ***«Се талоқӣ»***, он зан сеталоқа мешавад ва аҳкоми сеталоқа бар вай ҷорӣ мегардад, яъне агар шавҳар бихоҳад зиндагии хешро бо вай аз нав барқарор намояд, то он зан шавҳари дигар накунад ва миёни онҳо ҳамхобагӣ сурат нагирад, сипас он шавҳар ӯро талоқ нанамояд ва ё намирад, шавҳари якум наметавонад бо вай зиндагии дубора барқарор намояд.

Агар ба чунин зане гуфт: *«Ту талоқӣ, ту талоқӣ, ту талоқӣ»,* ин зан дар ҳамон калимаи аввал талоқи боин мешавад ва ду лафзи охир амал надоранд. Дар сурате хоста бошанд, аз сари нав ба зиндагии заношӯӣ идома диҳанд, онҳо ниёз ба бастани ақди нав доранд. Ёдовар мешавем, ки талоқи сареҳ пеш аз ҳамхобагӣ ва хилвати саҳеҳа талоқи боин мебошад.

ТАФВИЗИ ТАЛОҚ – БА ИХТИЁРИ ЗАН СУПОРИДАНИ ТАЛОҚ

Талоқ аслан аз ҷумлаи салоҳиятҳои шавҳар мебошад, вале дар ду ҳолат ба ҳавзаи салоҳиятҳои зан бармегардад ва вай ҳаққи худҷудосозиро пайдо менамояд.

Якум, вақте дар аснои бастани ақди никоҳ зан шарт гузорад, ки ба никоҳи он мард ба шарте медарояд, ки дар сурати вуқӯъи пешомадҳо ва ҳолатҳои муайяне талоқи вай ба худаш баргардад ва мард ӯро бо ҳамин шарт ба занӣ бипазирад, ба монанди бадрафторӣ мард нисбат ба зан, раво доштани хушунат дар зиндагӣ, надодани нафақаи вай дар вақти муайян ва ғайра.

Вақте он ҳолатҳои муайян ба вуқӯъ омаданд, зан назди ҷумҳури фуқаҳои ғайри ҳанафӣ салоҳияти худҷудосозиро пайдо мекунад ва ба нафси худ мухайяра мегардад. Ҳарчанд ин шартҳо ба ин сурат аз назари мазҳаби ҳанафӣ ботил ва никоҳ дуруст мегардад, зеро он пеш аз баста шудани ақди никоҳ буда ва мард пеш аз молик шудан ҳаққи ба дигаре супоридани онро надорад, вале аз дидгоҳи ҷумҳури аҳли суннат он ҷоиз аст. Машоихи мазҳаби ҳанафӣ низ дар ин ҳолатҳо муроҷиат ба додгоҳ ва ҳукми онро дар ин бора аз ҷумлаи ҳуқуқҳои машрӯъи зан донистаанд.

Аммо агар иҷоб аз ҷониби зан ва ё вакилаш

[1] Сураи Аҳзоб, 33: 49.

шурӯъ гардида бошад, ба ин тариқ ки гуфта бошад: Ба никоҳи ту ба он шарте даромадам, ки талоқ ба дасти ман бошад ва ё ҳар вақте бихоҳам худро талоқ намоям ва мард қабул намояд, дар ин сурат ҳар вақте зан бихоҳад, ба нафси худ мухайяра мегардад. Зеро тафвиз дар ин ҳолат ҳамзамон бо баста шудани ақд сурат гирифтааст, на пеш аз он.[1]

Дуюм, он ки пас аз бастани ақди никоҳ дар натиҷаи носозгорие мард талоқи занро ба дасти вай супорад.

Вогузории талоқ ба шахси дигаре ғайр аз зан ба сурати ваколат ва рисолат анҷом мегирад, ки дар гузашта дар мабҳаси «ваколат ва рисолат» баён гардид ва ба зан ба сурати тафвиз анҷом дода мешавад.

Лафзҳое, ки дар тафвизи талоқ ба кор мераванд, аслан аз се калима: а) тахйир (талоқро ба ихтиёри зан супоридан), б) амрашро ба дасташ вогузоштан ва в) машиат (талоқро ба хости зан мавкул намудан) иборатанд, ки ду лафзи аввал дар боби тафвиз аз лафзҳои киноя ва лафзи сеюм – машиат – аз лафзҳои сареҳ ба шумор мераванд.

Тафвиз бо лафзҳои киноя ба ин сурат аст: а) «Худатро ихтиёр намо!» ва б) «амрат ба дастат!» ва бо лафзи сареҳи машиат (хостан), ба мисли ин аст: «Ту талоқ, агар бихоҳӣ! ва ё кадом вақте бихоҳӣ, худро талоқ кун!».

Тафвиз бо дигар лафзҳои сареҳ низ сурат мегирад, ба монанди ин ки мард ба занаш бигӯяд: «Худатро талоқ кун». Дар ин шакл низ талоқ ба зан тафвиз мегардад.

Дар тафвиз бо лафзи сареҳе, ки аз навъи талоқи рақъӣ аст ва ҳамин тавр бо лафзи машиат, агар зан худро талоқ намояд, талоқи рақъӣ воқеъ мешавад ва ба ният ниёзе надорад. Аммо дар тафвиз бо яке аз лафзҳои киноя – худро ихтиёр намо ва ё амрат ба дастат – талоқи боин воқеъ мешавад. Магар вақте бар онҳо лафзи сареҳеро, ба монанди «як талоқ», биафзояд, ба ин тариқ ки: «Худро бо як талоқ ихтиёр намо!» ва ё «Амрат ба дастат дар як талоқ», пас дар ин сурат дар онҳо низ як талоқи рақъӣ воқеъ мешавад. Зеро вақте ба кинояи талоқ яке аз лафзҳои сареҳ афзуда шавад, он ба талоқи рақъӣ табдил мешавад.

Агар тафвиз бо яке аз лафзҳои киноя сурат гирифта бошад, субути ҳукм – талоқ дар он ба нияти мард бастагӣ дорад. Агар нияти талоқро надошта бошад ва ё маънои дигареро ғайр аз талоқ дар назар дошта бошад, чизе воқеъ намешавад.

Илова бар ин, дар тафвиз бо лафзи «ихтиёр» зикри калимаи нафс (худ) ё талоқ ва ё он чизе, ки қоиммақоми онҳо бошад, дар каломи яке аз онҳо зарур аст.[2] Мас., мард бигӯяд: Худро ихтиёр намо! Ва зан бигӯяд: Ихтиёр кардам ва ё мард бигӯяд: Ихтиёр намо! Ва зан бигӯяд: Худро ихтиёр кардам ва ё талоқро ихтиёр кардам. Вале агар каломи ҳар ду ҷониб аз зикри калимаи нафс ва ё талоқ холӣ бошад ба ин сурат ки мард бигӯяд: «Ихтиёр кун!» ва зан бигӯяд: Ихтиёр кардам, чизе воқеъ намешавад.

Оиша (рз) мефармояд: «Вақте расули Худо (с) ба тахйири ҳамсаронаш амр шуд, аз ман шурӯъ кард ва гуфт: ***Ман кореро бароят зикр менамоям (ва) бар зиёни ту нахоҳад буд, ин ки (дар он) ба шитоб роҳ надиҳӣ, то бо падару модарат машварат намоӣ!*** (Оиша) фармуд: Ӯ хуб дониста буд, ки падару модарам маро ба фироқи вай амр намекунанд.

Он гоҳ фармуд: ***Худованди азза ва ҷалл мефармояд:*** **«Эй паёмбар! Ба ҳамсаронат бигӯ: Агар шумо зиндагонии дунё ва зинати онро мехоста бошед, пас биёед, то шуморо (аз он) баҳраманд созам ва бо зебоӣ раҳо намоям, ва(ле) агар Худо ва расулаш ва дори охиратро мехоста бошед, пас Худо барои некӯкорони аз шумо аҷри бузурге омода намудааст».**[3]

(Оиша) мефармояд: Гуфтам: Оё дар ин кор аз падару модарам машварат пурсам!? Ман Худо, расулаш ва дори охиратро мехоҳам. (Боз) фармуд: Он гоҳ дигар ҳамсарони расули Худо (с) низ чунин карданд».[4]

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 561.

[2] Лафзи «амрат ба дастат» дар тамоми масоил ва аҳкоми худ, ба монанди шарт будани зикри калимаи нафс ва ё он чи қоиммақоми он шуда тавонад дар каломи яке аз завҷайн, ҳаққи руҷӯъ аз қавли хешро надоштани мард пас аз тафвиз ва ғайра, мисли лафзи «ихтиёр» аст. Фарқи лафзи «ихтиёр» аз лафзи «амрат ба дастат» танҳо дар он аст, ки дар ибораи дуюм нияти се талоқ саҳеҳ аст, дар ҳоле ки дар лафзи «ихтиёр» танҳо як талоқ воқеъ мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 78).

[3] Сураи Аҳзоб, 33: 28, 29.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 4785, 4786; Саҳеҳи Муслим, 3665

Ҳамчунин ҳукми тафвизи талоқ – ҳаққи тасарруфи зан дар талоқ – дар ҳар ду навъ: сареҳ ва киноя ба маҷлиси илмаш маҳдуд мебошад ва ба маҳзи тағйир ёфтан ва ё ба поён расидани маҷлис он аз дасти зан хориҷ мегардад.[1]

Мард пас аз тафвизи талоқ ба зан, ки он тамлик ба шумор меравад, дигар ҳаққи руҷӯъ аз қавли худро надорад, то он ки зан яке аз ду роҳ – боқӣ мондан дар никоҳи мард ва ё ҷудоӣ аз ӯро баргузинад ва ё ҳаққи тасарруфаш бо тағйири маҷлис ба поён бирасад.[2]

Аммо агар тафвизро бо калимаҳое ҳамроҳ созад, ки ба таври мутлақ ҳама вақтро дар бар мегиранд, ба монанди: «Ҳар вақте хоҳӣ, худро талоқ кун!» ва ё «Ту талоқ, кадом вақте бихоҳӣ!» ва ғайра, дар ин сурат ҳукми он ба маҷлиси илми зан маҳдуд намегардад, балки зан ҳар вақте бихоҳад, метавонад худро талоқ созад.

БАЁНИ МАСОИЛИ ИН БОБ

– Дар сурате ки марде ба зани худ гӯяд: *«Ихтиёр намой ва ё ин ки нафси худро талоқ бидеҳ»,* то вақте зан дар ҳамон маҷлис аст, метавонад худро талоқ намояд, вале агар аз он маҷлис ҳаракат намояд ва ё ба кори дигаре машғул гардад, ба маҳзи ин ки аз он маҷлис ҳаракат намояд, ихтиёри талоқ аз дасташ хориҷ мешавад. Тағйири маҷлис салоҳияти ба ӯ вогузоргардидаро аз дасташ берун месозад.

– Дар сурати додани ихтиёри талоқ ба зан, бояд калимаи нафс дар сӯҳбатҳои мард ва ё зан ба миён ояд, мисли ин ки мард бигӯяд: *«Нафси худро ихтиёр намой», зан бигӯяд: «Ихтиёр кардам»,* ё мард бигӯяд: *«Ихтиёр намо» ва зан бигӯяд: «Ихтиёр кардам нафси худро».* Аммо агар мард бигӯяд: *«Ихтиёр намо» ва зан гуфт: «Ихтиёр кардам»,* бе он ки зикри нафс дар каломи яке аз онҳо ба миён ояд, ин калом ботил (бекор) аст.

– Агар мард бигӯяд: *«Нафси худро ихтиёр намо»* ва зан гуфт: *«Ихтиёр кардам»* як талоқи боин воқеъ мешавад.

– Марде ба зани худ бигӯяд: *«Амрат ба дасти худат (кори ту ба дасти худи ту)»* дар сурате ки бо ин гуфтаи худ нияти се талоқро дошта бошад ва зан дар ҷавоб бигӯяд: Ихтиёр кардам нафси худро ба яке, дар чунин ҳолат се талоқ воқеъ мешавад, вале агар дар ҷавоб гуфт: *«Талоқ додам нафси худро ба яке ва ё ихтиёр кардам нафси худро ба талоқ додан»* дар ин ду маврид як талоқи боин воқеъ мешавад.

– Шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Худатро талоқ деҳ»* ва ҳеҷ гуна нияте надошта бошад ва ё нияти як талоқро дошта бошад ва зан дар ҷавоб гӯяд: *«Худамро талоқ додам ва ё кардам»*, дар ин сурат як талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад. Вале агар мард бо ин гуфтаи худ нияти се талоқро дошта бошад ва зан ҳам гӯяд: «Худро се талоқ додам», се талоқ воқеъ мешавад.

– Шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Худатро талоқ деҳ»* ва зан гӯяд: *«Худро боин кардам»,* як талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад. Вале агар дар ҷавоб гӯяд: «Худро ихтиёр кардам» талоқ воқеъ намешавад.

– Шахсе ба зани худ бигӯяд: «Худатро талоқ деҳ», дигар наметавонад аз гуфтаи худ пушаймон шавад ва гуфтаи худро бозпас гирад. Аммо агар зан аз маҷлис берун ояд ва пеш аз худро талоқ кардан макон тағйир хӯрад, ихтиёр дар дасти зан боқӣ намемонад.

– Шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ҳар гоҳ, ки хоста бошӣ, худатро талоқ деҳ»,* ҳам дар он маҷлис ва ҳам баъд аз он ҳар гоҳ, ки моил бошад, метавонад худро талоқ намояд.

– Шахсе як нафарро барои талоқ додани ҳамсараш вакил намояд, вакил ҳам дар он маҷлис ва ҳам баъд аз он метавонад вайро талоқ намояд. Шахси вакилкунанда низ метавонад вакилашро пеш аз танфиз ва ба иҷро баровардани талоқ аз ваколат бекор ва барканор намояд.

ТАЛОҚИ БО ШАРТ

Талоқ аз ҷиҳати сиғаҳое, ки дар он ба кор мераванд, ба се навъ ҷудо мешавад: талоқи танҷиз, ки баёни масоили он гузашт, талоқи муаллақ ба шарт ва талоқе, ки ба замон изофа шудааст.

1. Талои мунаҷҷаз (фаврӣ) он аст, ки сиғаи

(1475)-22; Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 179.

Дар ривояти дигари Муслим дар охири ҳадис омадааст: «Балки Худо ва расулаш ва дори охиратро ихтиёр мекунам». (Саҳеҳи Муслим, 3674 (1478)-29).

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 177.

[2] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 3. – С. 177.

Бар хилофи ваколат, ки муваккил метавонад дар он аз раъйи худ дар бораи талоқ баргардад ва вакилро пеш аз анҷоми ваколаташ бекор намояд.

он аз таълиқ ва изофа холӣ бошад, ба монанди ин гуфтаи мард ба занаш: Ту талоқ! (анти толиқун), ба хонаи соҳибонат бирав! (изҳабӣ ило байти аҳликӣ) ва ё ба соҳибонат бипайванд! (илҳақӣ би аҳликӣ). Суратҳое, ки қаблан барои талоқ зикр гардиданд, ба онҳо талоқи танҷиз (фаврӣ) гуфта мешавад. Дар он суратҳо бо гуфтани калимаи «талоқ» он фавран ва дарҳол воқеъ мешавад.

2. Талоқи муаллақ ва ё вобаста ба шарт он аст, ки мард вуқӯъи онро ба рӯй додани ҳодиса ва ё коре дар оянда мавкул ва вобаста гардонад ва дар он калима (бандак)-ҳои шартиро, аз қабили: агар, чунончи, ҳар гоҳ, ҳар вақте, дар сурате ки, ба шарте ки ва ғайраро ба кор барад. Ба таври мисол, мард ба ҳамсараш бигӯяд: *«Агар ба хонаи фалонӣ биравӣ ва ё дохил шавӣ, талоқ».* Бар асоси мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат, вақте шарт мавҷуд шуд – зан ба хонаи фалонӣ рафт ва ё дохил шуд, талоқ мешавад.

Дар боби таълиқи талоқ мард онро ё ба феъли худаш муаллақ месозад ё ба феъли зан ва ё ба феъли шахси дигаре ва дар тамоми ин ҳолатҳо талоқи муаллақ назди ҷумҳур маҷозан ямин (савганд) ба шумор меравад. Аммо агар онро ба кори дигаре ғайр аз инҳо муаллақ намояд, мас., бигӯяд: Ту талоқ агар офтоб барояд, гарчанде дар ҳукм мисли ямин бошад ҳам, вале он аз ҷумлаи аймон (савгандҳо) ба шумор намеравад.

3. Талоқи музоф он аст, ки ба замон изофа шавад ва он се сурат дорад: ё ба замони ҳол изофа мешавад ё ба замони мустақбал (оянда) ва ё ба замони гузашта.

а) Агар мард талоқро ба замони ҳол изофа намояд ва ба ҳамсараш бигӯяд: Ту имрӯз талоқ ва ё ҳамин ҳоло талоқ, талоқ дарҳол воқеъ мешавад. Зеро изофаи талоқ ба замони ҳол танҷиз ба шумор меравад ва талоқ фавран воқеъ мешавад.

б) Агар талоқро ба замони мустақбал ва фаро расидани вақти муайяне дар замони оянда изофа ва вобаста намояд, мас. ба вай бигӯяд: Ту фардо талоқ ва ё дар аввали фалон моҳ (феврал, март ва…) талоқ ва ё ту дар моҳи рамазон талоқ, талоқ бо фаро расидани лаҳзаи аввали он вақт воқеъ мешавад. Дар ибораи: Ту фардо талоқ, бо дамидани субҳи фардо ва дар ибораи: Ту дар моҳи рамазон талоқ, бо ғуруби офтоб дар рӯзи охири моҳи шаъбон, ки он шаб моҳи рамазон фаро мерасад, талоқ воқеъ мешавад.

в) Аммо агар талоқро ба замони гузашта изофа намояд ва бигӯяд: Ту дирӯз талоқ, ба шарте дар он гузашта зан дар қайди никоҳи ӯ буда бошад, талоқ дарҳол воқеъ мешавад. Зеро ба вуҷуд овардани талоқ дар гузашта ба маънои эҷоди он дарҳол аст. Вале агар вайро имрӯз ба никоҳи худ дароварда бошад ва бигӯяд: Ту дирӯз талоқ, чизе воқеъ намешавад, зеро талоқро ба вақте изофа кардааст, ки ҳанӯз молики он нагашта буд.[1] Агар мард бо ин гуфтаи худ мақсади хабар додан аз кори гузашта – талоқеро, ки дар он гузашта кардааст, дошта бошад, вайро бо савганд тасдиқ карда мешавад, ба шарте аз умури мумкина бошад. Вале агар мустаҳил бошад, ба ин сурат ки бигӯяд: Ту панҷоҳ сол пеш талоқ, дар ҳоле ки умри зан камтар аз он аст, пас он лағв (сухани беҳуда ва гапи бекор) аст.

Дар таълиқ (вобаста кардан)-и талоқ ба шарт калима (бандак)-ҳои шартӣ ё бо сароҳат зикр мешаванд, чӣ тавре баён шуд ва ё ба таври ғайрисареҳ меоянд, яъне дар маъно вуҷуд доранд, ба монанди ин ки мард бигӯяд: Занам талоқ, ки фалон корро мекунам ва ё намекунам ва ё бар ман талоқ, ки фалон корро мекунам. Ин корбурдҳо низ урфан таълиқи талоқ ба шумор мераванд. Назди ҷумҳури аимма феъли муаллақ агар аз рӯи фаромӯшӣ ва ё бо икроҳ ҳам таҳаққуқ ёбад, талоқ воқеъ мешавад.

Дар таълиқи талоқ ба ягон шарте дар оянда то ба вуҷуд омадани он шарт мулки мард – ҳамсараш – ба ҳолаш боқӣ мемонад, вале дигар аз қавлаш баргашта наметавонад.

Таълиқи талоқ ба никоҳ низ шаръан дуруст аст. Агар талоқро ба никоҳ вобаста намояд ва ба зане (ба таври мушаххас) бигӯяд: Агар бо ту издивоҷ намоям, ту талоқ ва ё ба таври мутлақ бигӯяд: Ҳар зане бигирам (бо ҳар зане издивоҷ намоям), вай талоқ, пас аз баста шудани акди никоҳ талоқ дарҳол воқеъ мешавад.

ШАРТҲОИ ДУРУСТ ГАРДИДАНИ ТАЪЛИҚИ ТАЛОҚ

1. Яке аз шартҳои сиҳҳати таълиқи талоқ маъдум – **ғайримавҷуд** будани шарт дар вақти таълиқи талоқ ва имкони вуҷуди он дар оянда

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 470, 471.

аст. Агар шарт дар он вақт мавҷуд бошад, мас., ба ӯ бигӯяд: Ту талоқ агар падарат ва ё фалонӣ ҳоло ҳамроҳи мо бошад, дар сурате ки падараш ва ё фалонӣ ҳамроҳи онҳост, талоқ дуруст мегардад ва ба сурати мунаҷҷаз (фаврӣ) воқеъ мешавад, зеро дар он таълиқе набуда. Ва дар сурате ки он на мумкинулвуҷуд, балки мустаҳил бошад, ба мисли ин ки бигӯяд: Агар бародарат дар ин дунё зинда гардад, ту талоқ, дар ҳоле ки вай мурдааст, он каломи лағв аст ва ба он чизе воқеъ намешавад.

2. Таълиқ ба лафзи талоқ пайваста (муттасил) бошад. Агар таълиқро аз асли лафзи талоқ бо сукут, каломи бегона аз мавзӯъ ва ё каломи бефоида ҷудо созад, талоқ дуруст ва ба таври мунаҷҷаз воқеъ мешавад. Аммо бо фосилаи каме, ки аз рӯи зарурати нафас кашидан, фурӯ бурдани оби даҳон ва ё луқмаи даҳон ва ё гуфтани калимае, ки ба он равшанӣ ва иловае меорад, дар сиҳҳати таълиқ таъсире надорад, мас., ба вай бигӯяд: Ту талоқи боин агар ба хонаи фалонӣ дохил шавӣ!.[1]

3. Бо он қасди муҷозотро надошта бошад. Агар қасди муҷозоти занро дошта бошад, таълиқ дуруст намегардад ва талоқ ба сурати танҷиз (фаврӣ) воқеъ мешавад, мас., зан ба шавҳараш бигӯяд: Эй хасис, эй бахил ва монанди инҳо ва мард ба вай бигӯяд: Агар ман хасис ва ё бахил бошам, пас ту талоқ! Агар қасди муҷозот ва уқубати вайро дошта бошад, талоқ дар ҳол воқеъ мешавад, хоҳ хасис буда бошад, хоҳ не. Вале агар иродаи таълиқи талоқро ба таҳаққуқи хасосат ва бухл дар худаш дошта бошад, таълиқи талоқ дуруст мегардад ва мард диёнатан тасдиқ карда мешавад.

4. Агар адот (ҳарф)-и шартро бар талоқ биафзояд, вале таълиқеро зикр накунад, мас., бигӯяд: **Ту талоқ агар**, он низ ба қавли роҷеҳ назди машоихи мазҳаб лағв аст ва бо он чизе воқеъ намешавад, вале назди имом Муҳаммад (рҳ) дар ин сурат талоқ дарҳол воқеъ мешавад.

5. Дар миёни ҳолиф (қасамхӯр) ва маҳлуфун алайҳо (зан) дар вақти таълиқ завҷият – ақди заношавҳарӣ ҳақиқатан ё ҳукман барқарор бошад, ба ин сурат ки зан дар ақди никоҳи он мард ва ё дар иддаи талоқаш бошад. Зеро агар дар ақди никоҳаш набошад ва ё иддааш гузашта бошад, барои он мард аҷнабӣ ба шумор меравад ва таълиқ барои зани аҷнабия лағв аст, магар вақте талоқро ба никоҳи вай муаллақ гардонад.

6. Дар байни онҳо ақди никоҳ ба ҳангоми таҳаққуқи шарт низ ҳақиқатан ё ҳукман, ба сурати зикршуда дар банди боло, барқарор бошад. Агар ба занаш бигӯяд: Агар ба хонаи фалонӣ дохил шавӣ, ту талоқ!, вақте дар ақди никоҳи он мард бошад ва ё дар идда аз талоқи он мард ба сар барад, бо таҳаққуқи шарт – дохил шудан ба хонаи фалонӣ талоқ воқеъ мешавад, вале агар ӯро баъд аз таълиқ бо сабаби дигаре талоқ намояд ва иддааш ҳам ба поён расад, он гоҳ ба хонаи фалонӣ дохил шавад, талоқи муаллақ ба шарт дигар воқеъ намешавад, зеро маҳал салоҳияти вуқӯи онро надорад.

7. Шавҳар аҳлияти талоқ доданро дар ҳолати таълиқ дошта бошад – оқилу болиғ бошад, гарчанде онро ҳангоми таҳаққуқи шарт ба сабаби ҷунун ва ғ. аз даст дода бошад. Бинобар ин, агар марди болиғе дар ҳолати оқилӣ (ҳушёрӣ) ба занаш бигӯяд: Агар ба хонаи фалонӣ дохил шавӣ, ту талоқ! ва пас аз он девона гардад ва зан дар ин вақт ба хонаи фалонӣ дохил шавад, талоқ, ба мисли давраи ҳушёриаш воқеъ мешавад. Аммо агар дар ҳоли девонагӣ талоқро ба шарте муаллақ гардонад, он лағв аст.

8. Лафз (бандак)-ҳои шартӣ иборатанд аз: Агар (ин), вақте (изо), вақте, ки (изомо), ҳар (кулла), ҳар боре ё ҳар вақте (кулламо), вақте (мато) ва вақте ки (мато мо). Лафзи «ин» асли адавот (бандакҳо)-и шарт ба шумор меравад. Ин лафзҳо, ба ҷуз лафзи «кулла» ва «кулламо», луғатан тақозои умум ва такрорро надоранд ва ҳамин ки шарт як бор мавҷуд шуд, он тамом мегардад ва савганд мунҳал мешавад ва ба поён мерасад.

Лафзи «кулла» ифодаи иҳота ва умумро мекунад ва чун ба сӯи исми ҷинс (накира) изофа мешавад, вуқӯи ҷазоро бо такрори шарт ба таври умум дар миёни афроди ҷинс тақозо мекунад ва вақте дар як фард аз афроди ҷинс як бор ба вуқӯъ омад, бори дуюм дар ҳаққи вай воқеъ

[1] Дар ин мисол калимаи «боин» байни асли талоқ ва шарт фосила шудааст, вале чун муфиди навъи талоқ аст, таълиқ дуруст мегардад. Аммо агар ба занаш бигӯяд: Ту талоқи рақъӣ агар ба хонаи фалонӣ биравӣ!, талоқи мунаҷҷаз воқеъ мешавад, зеро калимаи «рақъӣ» шартро аз асли талоқ ҷудо сохтааст ва ҳеҷ фоида ва ё равшание ба асли калом набахшидааст, чунки рақъӣ будани талоқ бо ин лафзҳо бе афзудани калимаи «рақъӣ» низ маълум аст.

намешавад. Мас., касе бигӯяд: *«Ҳар зане, ки ӯро никоҳ кунам, вай талоқ аст – кулламраатин тазаввақтуҳо, фаҳия толиқун»*, бо ҳар зане бори аввал ақд бандад, вай талоқ мешавад, вале агар як занро мартабаи дуюм никоҳ кунад, дигар талоқ воқеъ намешавад.

Лафзи «кулламо» дар феълҳо дохил мешавад ва ифодаи умум ва такрорро мекунад, яъне ҳар боре он феъл (шарт) такрор ёбад, ҷазои он низ воқеъ мешавад ва ин савганд, агар бо феъли тазаввуҷ (никоҳ кардан, ба никоҳ даровардан) сурат гирифта бошад, ҳеҷ гоҳ мунҳал намегардад. Агар онро ба феъли тазаввуҷ ба сӯи зани муайяне изофа кунад ва бигӯяд: *«Ҳар гоҳ ва ҳар боре туро никоҳ кунам, ту талоқ – кулламо та заввақтуки, фаанти толиқун»* ҳар боре ва ҳарчи гоҳе он занро никоҳ кунад, вай талоқ мешавад. Ҳатто агар пас аз се бор талоқ шудан ба марди дигаре ба шавҳар барояд ва аз вай ҷудо гашта, пас аз идда ба ақди шавҳари аввалаш дарояд, боз талоқ воқеъ мешавад. Зеро ҳар боре он феъл (шарт) дар милки марди савгандхӯрда такрор ёбад, ҷазои он – талоқ воқеъ мешавад. Агар онро ба феъли тазаввуҷ ба сӯи ҷинси занон изофа кунад ва бигӯяд: *«Ҳар боре ва ҳарчи гоҳе занеро ба никоҳи худ дарорам, вай талоқ – кулламо тазаввақту имраатан, фаҳия толиқун»*, ҳар занеро ҳар боре ба никоҳи худ дарорад, вай фавран талоқ мешавад.

Аммо агар лафзи «кулламо»-ро ба феъл (шарт)-и дигаре, ғайр аз тазаввуҷ, изофа ва муаллақ (вобаста) намояд ва мас., бигӯяд: *«Ҳар боре ва ҳар вақте ба хонаи фалонӣ рафтӣ ё даромадӣ, ту талоқ – кулламо заҳабтӣ ило байти фулонин ав дахалтӣ дораҳу, фаанти толиқун»*, он то се талоқ, ки як нисоби комили талоқ аст, такрор ва идома меёбад ва ҳар боре дар он нисоб ба хонаи фалонӣ равад ё дохил шавад, вақте дар милки вай бошад, талоқ воқеъ мешавад. Пас аз пур шудани як нисоби талоқ ва ба никоҳи марди дигаре даромадани вай он савганд ба «кулламо» мунҳал мегардад. Агар минбаъд ба шавҳари аввалаш баргардад ва дохили хонаи фалонӣ гардад, дигар чизе воқеъ намешавад.[1]

ТАФСИЛИ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Шахсе ба зани бегонае бигӯяд: *«Агар бо ту издивоҷ намоям, ту талоқ»*, ё ин ки *«Ҳар зане, ки бо вай издивоҷ намоям, вай талоқ»,* ба маҳзи сурат гирифтани ақди никоҳ, талоқ воқеъ мешавад.

2. Шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Агар дохили хонаи фалонӣ шавӣ, талоқӣ»*, ҳар гоҳ зан дохили хонаи ҳамон одам гардад, талоқ воқеъ мешавад.

3. Шахсе ба зани бегонае бигӯяд: *«Агар дохили фалон хона шавӣ, талоқӣ»,* он гоҳ вайро ба қайди никоҳи худ дароварад ва пас аз издивоҷ он зан дохили ҳамон хона гардад, талоқ воқеъ намешавад.

4. Шахсе бигӯяд: *«Ҳар зане, ки ӯро никоҳ кунам, талоқ аст»,* бо ҳар зане, ки ақд бандад, талоқ воқеъ мешавад, вале агар занеро мартабаи дуюм никоҳ кунад, дигар талоқ воқеъ намешавад. Аммо ҳар занеро бори аввал никоҳ намояд, талоқ воқеъ мешавад.

5. Шахсе ба зане бигӯяд: *«Ҳар гоҳ ва ҳар замоне туро никоҳ намоям, ту талоқ»* ҳар гоҳе ин занро никоҳ намояд, талоқ воқеъ мешавад ва барои барқарор намудани заношавҳарӣ бо ин зан роҳе вуҷуд надорад. Ҳамчунин, агар ба таври мутлақ бигӯяд: «Ҳар гоҳ ва ҳар замон бо зане издивоҷ намояд, вай талоқ», ҳар занеро дар ҳар вақте никоҳ намояд, талоқ воқеъ мешавад.

6. Он масъалае, ки дар мавзӯи талоқ бо номи *«кулламо»* баён шудааст, ҳамин аст: *«Кулламо тазаввақту имраатан, фаҳия толиқун»,* яъне ҳар гоҳ ва ҳар замон занеро никоҳ намоям, вай талоқ. Ин мард дар тамоми умри худ, ҳар гоҳ занеро никоҳ намояд, фавран талоқ мешавад ва ҳеҷ гоҳ наметавонад соҳиби зан гардад. Зеро дар ибораи худ зарфи замонеро ба кор бурдааст, ки тамоми замонҳоро фаро мегирад.

МУНҲАЛ (БЕКОР ВА ЗОИЛ) ГАРДИДАНИ ТАЛОҚИ МУАЛЛАҚ

Вақте шавҳар талоқро ба шарте муаллақ гардонад, он бо як маротиба таҳаққуқ ёфтани шарт ва вуқӯъи талоқ бар зан мунҳал (зоил) ме-

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 196–198; Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 109–111; Абубакр ибни Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ҳаддоди Яманӣ. ал-Ҷавҳарату-н-найиира ало Мухтасари-л-Қудурӣ. – Ҷ. 2. – С. 178 – 179. – Оромбоғи Карочӣ, бе зикри соли чоп.

гардад ва агар дар ҳолати идда ва ё пас аз он бори дигар он шарт таҳаққуқ ёбад, талоқи дигаре воқеъ намешавад. Ва ин дар суратест, ки таълиқ ба лафзи «**кулламо**» (ҳарчи гоҳе, ҳар боре) набошад, вале агар таълиқ бо ин лафз сурат гирифта бошад, талоқ бо таҳаққуқи шарт бори дуюм ва сеюм ҳам воқеъ мешавад. Бинобар ин, вақте ба занаш бигӯяд: Агар ба хонаи фалонӣ дохил шавӣ, ту се талоқ!, он гоҳ ӯро пеш аз дохил шудан ба хонаи фалонӣ ба таври мунаҷҷаз як талоқ намояд ва иддааш ҳам ба поён расад, сипас ба хонаи фалонӣ дохил шавад, қасам (талоқи муаллақ) мунҳал мегардад. Агар пас аз он аз нав бо ҳам ақди заношавҳарӣ барпо намоянд ва зан бори дигар дохили хонаи фалонӣ гардад, дигар талоқе бар вай воқеъ намешавад. Зеро талоқ қаблан мунҳал гардида буд. Аммо агар ба он ҷо дохил ношуда, ба шавҳараш ақди нав бандад ва пас аз он дохили хонаи фалонӣ гардад, талоқ воқеъ мешавад, зеро он ҳанӯз мунҳал нагаштааст.

Байнунаи кубро – се талоқа низ ба сабаби комилан аз байн бурдани ҳиллият талоқи муаллақро мунҳал месозад. Вақте марде ба занаш бигӯяд: Агар ба хонаи фалонӣ дохил шавӣ, як ё ду ва ё се талоқ!, он гоҳ ӯро ба таври мунаҷҷаз се талоқ намояд ва пас аз ҳалола шудан аз нав бо он зан ақди никоҳ бандад ва зан дохили хонаи фалонӣ гардад, талоқҳои муаллақ ба шарти қаблӣ дигар воқеъ намешаванд, зеро байнунаи кубро онҳоро мунҳал намудааст, аммо дар поёнтар аз он воқеъ мешавад.

ТАЛОҚ ДАР ҲОЛАТИ БЕМОРӢ

Дар қонунгузории исломӣ асле бо номи «Ло зарара ва ло зирора» (на зарар расонидан ва на дар пайи зиёнкорӣ будан) вуҷуд дорад, ки фақеҳони киром бар асоси он тамоми эҳтимолоти зиёнкорӣ ва зарар расониданро ҳам ба афроди ҷомеа ва ҳам ба манофеи иҷтимоии миллат дар зимни аҳкоме пешгирӣ намудаанд. Аз ҷумлаи ин масоил яке он аст, ки мард дар ҳолати бемориаш занашро бо мақсади зарар расонидан ва аз ҳаққи мерос маҳрум сохтан талоқ намояд. Дар қонунгузории исломӣ барои ҳимояи ҳаққи шаръии зан дар ин вазъ пешбинӣ шудааст, ки зан то вақте дар идда аст, агар мард фавт намояд, аз вай мерос мебарад.

Дар ҷомеа баъзан одамоне ҳам вуҷуд доранд, ки ҳатто дар дами марг мехоҳанд ба баъзе афроди зердасти худ зарар расонанд ва паллаи тарозуро ба нафъи дигар ворисонашон сангин намоянд. Вале шореъи қонуни ислом – Худованди ҳаким – аз тамоми абъоди зиндагонии инсон ва нуҳуфтаҳои ботини вай огаҳ буда, аҳкоми дини худро дар камоли дақиқӣ поярезӣ намудааст ва ҷое барои каҷравӣ ва ҷафокорӣ боқӣ нагузоштааст.

Масъалаи ҳаққи меросбарии зане, ки шавҳараш ӯро дар аснои бемориаш талоқ намудааст, дар фиқҳи исломӣ ба номи масъалаи «форр» (гурезон) ва ё «фирор» (гурез) аз мерос машҳур буда, ба суратҳои зерин тартиббандӣ шудааст:

1. Агар марде дар аснои бемориаш занашро талоқи рақъӣ намояд ва дар муддати иддаи вай вафот кунад, бо иттифоқи тамоми мазоҳиб зан аз мард мерос мебарад. Зеро дар талоқи рақъӣ то давраи ба поён расидани иддаи зан ҳанӯз пайвандҳои заношавҳарӣ дар миёни онҳо ба гунае мавҷуд мебошанд ва мард ҳаққи руҷӯъ ба занашро дорад. Бинобар ин, зан дар ҳолати фавти ӯ дар ин муддат аз вай мерос ҳам мебарад.

2. Аммо агар дар ҳолати тандурустиаш занашро талоқи боин ва ё рақъӣ намояд ва бо сипари шудани муддати идда ба боин табдил шавад ва пас аз он яке аз онҳо бимирад, дар ин ҳолат ҳеҷ кадоми онҳо аз якдигар мерос намебаранд.

3. Агар дар ҳолати бемориаш ҳамсари худро талоқ боин намояд ва ҳанӯз иддаи зан ба поён нарасида, ки мард аз дунё даргузарад, дар назди ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат (ҳанафия, моликия ва ҳанбалия) зан аз моли ба меросгузоштаи шавҳараш мерос мебарад, зеро эҳтимол меравад, ки мард дар он ҳолат бо талоқ додани зан, қасди маҳрум сохтани вайро аз мерос дошта бошад.

4. Вале агар иддаи зан ба поён расад ва пас аз он мард аз дунё даргузарад ва ё аз он беморӣ беҳбудӣ ёбад ва сипас бо дарди дигаре қазо кунад, ҳарчанд иддаи зан ҳанӯз ба поён нарасида бошад ҳам, зан дигар аз моли вай мерос намебарад.

5. Дар сурате ки зан талоқи худро аз мард талаб кунад ва мард вайро талоқи боин намояд, дар ин ҳолат агар мард қазо кунад, зан хоҳ дар ҳолати идда бошад ва ё иддааш ба поён расида

бошад, мерос намебарад. Аммо агар вайро талоқи рақъӣ карда бошад, то замоне ки иддааш боқист, аз вай мерос мебарад.

6. Ҳамчунин агар мард дар аснои бемориаш коре анҷом диҳад, ки сабабгори фасхи ақди никоҳ гардад, мас., ба модар ва ё духтари занаш зино кунад, дар ин ҳолат низ агар дар муддати иддаи фасх вафот намояд, зан аз вай мерос мебарад.

7. Дар масъалаи мавриди назар – дар талоқи боин, агар тасодуфан зан дар аснои идда вафот кунад, бо иттифоқи тамоми фуқаҳо мард аз вай мерос намебарад. Зеро тамоми пайвандҳои заношавҳарӣ бо талоқи боин дар байни онҳо қатъ мегарданд.[1] Зан бошад, аз боби таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ҳаққи мерос дар ин ҳолат барояш собит шудааст.

8. Шахс дар ҳолати бемории марг шаръан дигар ҳаққи тасарруф дар моли худро ба сурати табарруъ, бахшиш, ҳиба ва ғайра, ҷуз дар сулси он надорад, зеро он ба ворисонаш тааллуқ гирифтааст.

Шоёни зикр аст, ки ҳаққи мерос барои зан дар масъалаи мазкур ба фароҳам омадани шартҳои зерин собит мешавад:

а) Ин кор дар бемории марг сурат гирифта бошад ва мард бар асари ҳамон беморӣ фавт намояд. Бемории марг он аст, ки бар вай осори марг зоҳир шуда бошанд;

б) талоқ боин бошад, зеро дар талоқи рақъӣ ҳатман мерос мебарад;

в) талоқи боин пас аз духул воқеъ шуда бошад, на пас аз хилвати саҳеҳа ва на пеш аз он;

г) талоқ бе ризоят, бе дархост ва бе сабабгории зан сурат гирифта бошад;

ғ) иддаи зан аз он талоқ ҳанӯз ба поён нарасида бошад;

д) зан аҳлият (салоҳият)-и меросбариро дошта бошад, яъне муслима бошад, на китобия. Зеро зани китобия аз марди мусулмон ба сабаби ихтилофи динаш мерос намебарад.

Агар яке аз ин шартҳо дар масъалаи мазкур мавҷуд набошад, ҳаққи мерос барои зан собит намешавад.

Ин масъала агар баръакс ба амал ояд, яъне зан дар аснои бемориаш аз мард талаби фасх намояд ва ё ба сабаби вай дар миёнашон ҷудоӣ афтад ва дар муддати иддааш вафот кунад, мард аз вай мерос мебарад.

БАЁНИ МАСОИЛИ ИН БОБ

– Шахсе дар ҳолати бемориаш ба зани худ бигӯяд: *«Агар аз хона хорич шавӣ, талоқи боинӣ»,* вақте зан берун рафт, талоқи боин воқеъ мешавад. Дар чунин вазъе агар мард даргузарад, зан аз вай ирс намебарад.

– Аммо агар ба вай бигӯяд: *«Агар хӯрок бихӯрӣ, ё намоз бихонӣ, талоқи боинӣ»,* бо хӯрок хӯрдан ва намоз хондани зан талоқи боин воқеъ мешавад. Аммо дар ин сурат, агар мард бимирад ва зан ҳанӯз дар идда бошад, аз моли мард меросбар мебошад, зеро таом хӯрдан ва намоз хондан, аз ҷумлаи заруриятҳои ҳаётӣ ва динии инсон мебошанд.

– Шахсе дар ҳолати саломатии худ ба занаш бигӯяд: *«Ҳар гоҳ падарат аз шаҳр ва ё деҳ биояд, ту талоқи боинӣ»* ва падараш вақте аз шаҳр омад, ки мард бемор гаштааст, зан талоқ мешавад ва агар мард бо ҳамон дард даргузарад, зан аз моли вай ирс намебарад.

МАСЪАЛАИ ҲАДМ

Аиммаи дин иттифоқи назар доранд, ки нисоби талоқ дар як давраи ҳаёти заношавҳарӣ се аст ва вақте мард ҳамсарашро се талоқ намояд, нисоби он пурра мегардад ва он ҳиллияти маҳалро барои он мард аз байн мебарад. Чун он зан бо марди дигаре ба шавҳар барояд ва аз вай бо сабабе ва ё ба тариқи ҳалола ҷудо шавад ва пас аз гузашти иддааш бо шавҳари аввалаш ақди никоҳ бандад, бо аз сар гирифтани давраи дуюми муносибатҳои заношавҳарӣ нисоби се талоқ бори дигар барои мард барқарор мегардад.

Онҳо дар ин масъала низ иттифоқи назар доранд, ки агар занашро бо камтар аз се – бо як ва ё ду талоқ талоқ намояд ва ҳанӯз бо марди дигаре шавҳар нокарда, ӯро ба никоҳи худ дарорад, дар ин ҳолат танҳо мобақияи нисоби қаблии талоқ барояш боқӣ мемонад.

Аммо вақте ӯро бо камтар аз се талоқ талоқ намояд ва зан пас аз гузашти иддааш ба мар-

[1] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 129, 132; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 432.

ди дигаре ба шавҳар барояд, он гоҳ аз шавҳари дуюмаш бо сабабе ҷудо гашта ва пас аз поёни иддаш ба никоҳи шавҳари аввалаш дарояд, оё вай мобақияи нисоби қаблиро молик мебошад ва ё ба мисли масъалаи аввал нисоби комил барояш барқарор мегардад, фақеҳони киром ва аиммаи дин дар ин маврид ду нуқтаи назар доранд:

а) Назди ҷумҳури аимма, аз ҷумла имом Муҳаммад (рҳ) аз аиммаи ҳанафӣ мард дар ин ҳолат танҳо мобақияи нисоби собиқро молик мегардад, агар занашро як талоқ карда бошад, ду талоқи дигар ва агар ду талоқ карда бошад, як талоқи дигар барояш боқӣ мемонад. Ин нуқтаи назари шуморе аз саҳобагони киром, ба монанди Умар (рз), Алӣ (рз), Имрон ибни Ҳусайн (рз), Абуҳурайра (рз) ва дигарон аст.

б) Назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) бо шавҳар кардани зан ба марди дигар моқабли он – мобақияи нисоби собиқ комилан маҳдум мегардад ва пас аз ҷудо шудан аз вай, гузашти идда ва баргашт ба ақди никоҳи шавҳари аввалаш давраи дуюми муносибатҳои заношавҳарӣ дар ҳаёти онҳо оғоз мегардад ва мард аз нав нисоби комили талоқро молик мегардад. Назари шуморе аз саҳобагони киром, ба монанди Ибни Умар (рз), Ибни Аббос (рз) ва дигарон низ ҳамин аст. Зоҳири ривоят дар мазҳаб ин қавлро таъйид мекунад, вале аксари фақеҳони мутааххир, ба монанди Ибни Ҳумом, соҳиби Наҳр, соҳиби Баҳр, Шурнублолӣ ва дигарон қавли имом Муҳаммад (рз)-ро дар ин масъала тарҷеҳ додаанд. Гуфтанист, ки ин масъала назди фақеҳон бо масъалаи ҳадм маъруф аст.[1]

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4 – С.; Алмавсуату-л-фиҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 29 – С. 50.

Фасли чаҳорум

ТАЛОҚИ РАҶЪӢ ВА БОИН

Талоқи раҷъӣ он аст, ки мард бо сароҳат (яъне бо лафзҳои сареҳи талоқ) як бор ё ду бор лафзи талоқро ба занаш нисбат диҳад. Дар талоқи раҷъӣ, чӣ тавре зикр гардид, мард метавонад, пеш аз поёни идда ба мулки худ руҷӯъ намояд ва ҳамсарашро ба сӯи худ боз гардонад. Яъне дар ин навъи талоқ то поёни иддаи зан ҳанӯз пайвандҳои заношавҳарӣ дар миёни зану шавҳар ба сурате боқӣ мебошанд ва онҳо ҳаққи бозгашт ба ҳаёти якҷояи худро доранд. Вақте онҳо бо ҳам руҷӯъ карданд, тамоми аҳком, ҳуқуқҳо ва салоҳиятҳои заношавҳарӣ дар миёнашон бо ҳамон никоҳи қаблӣ барқарор мемонанд.

Раҷъат дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои бозгашт ба ҳолати пешинаи зиндагӣ дар муддати иддаи зан мебошад. Ин бозгашт ҳеҷ гуна коргузориҳои наверо, аз қабили никоҳи нав, маҳр ва ғайра аз онҳо талаб намекунад. Пас талоқи раҷъӣ он талоқе мебошад, ки зану шавҳар пеш аз ба поён расидани иддаи зан ҳаққи бозгаштро доранд.

Ин асли ҳуқуқӣ барои бозгашти онҳо бо китоби Худо собит гардидааст, он ҷо, ки мефармояд:

وَبُعُولَتُهُنَّ أَحَقُّ بِرَدِّهِنَّ فِي ذَٰلِكَ إِنْ أَرَادُوا إِصْلَاحًا

«Ва шавҳаронашон ба боз гардонидани онҳо дар ин маврид ҳақдортаранд, агар (дар зиндагии нави худ) иродаи ислоҳро дошта бошанд».[1]

Дини ислом ҳатто барои ҷудоии марду зан барномаи комил ва тарҳи фарогиреро пешбинӣ намудааст, ки бо риояи бандҳои он имкон дорад аз фурӯпошии ниҳоии бисёре аз хонаводаҳо ҷилавгирӣ ба амал ояд ва ё марҳалаҳои ҷудоӣ зина ба зина амалӣ гарданд ва аз ҳар гуна хушунат ва тундие дар ҷараёни он пешгирӣ шавад.

Бинобар ин, яке аз ҳикматҳои поягузории талоқи раҷъӣ ва ҳаққи бозгашт он аст, ки марду зан фурсати андешидан дар ихтилофоти худ ва таҷдиди назар дар мавриди талоқ ва ҷудоиро дошта бошанд. Онҳо дар ин муддат пас аз таҳаммули нахустин зарбаҳои ҷудоӣ бори дигар дар пайомадҳои ин ҷудоӣ ва мушкилоти пас аз он меандешанд ва дар бораи он хулосаи заруриро мебароранд. Агар аз он ба сари ақл омада бошанд ва ҳар гуна ихтилофро канор гузоранд, дар он сурат ба ҳаёти муштараки худ бозгашт менамоянд.

Вақте зану шавҳар ба зиндагонии якҷояи худ бозгашт намуданд, тамоми ҳуқуқҳо, аҳком ва салоҳиятҳои заношавҳарӣ дар миёнашон дубора барқарор мегарданд. Талоқи раҷъӣ ва ҳаққи бозгашт барои онҳо дар қонунгузории исломӣ ду бор дар назар гирифта шудааст. Худованд мефармояд:

ٱلطَّلَٰقُ مَرَّتَانِ ۖ فَإِمْسَاكٌۢ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌۢ بِإِحْسَٰنٍ

«Талоқ (-е, ки пас аз он зану шавҳар ҳаққи бозгашт доранд) ду бор аст. Пас аз он ё бо хубӣ нигаҳ доштан аст ва ё бо некӣ раҳо кардан».[2]

Талоқе, ки дар он чаҳор шарти зерин вуҷуд дошта бошад, талоқи раҷъӣ мебошад:

[1] Сураи Бақара, 2: 228.

[2] Сураи Бақара, 2: 229.

1. Пас аз духул (ҳамхобагӣ) ба вуқӯъ омада бошад. Зеро талоқи пеш аз духул талоқи боин мебошад, хоҳ хилвати саҳеҳа дар миёни онҳо сурат гирифта бошад, хоҳ не. Хилвати саҳеҳа дар ин маврид ба ҷои духул эътибор намешавад.

2. Талоқ дар ивази чизе ба амал наомада бошад. Зеро талоқе, ки дар ивази чизе сурат мегирад, дар истилоҳи фақеҳон ба он хулъ гуфта мешавад ва он талоқи боин мебошад.

3. Талоқ адади комили худро фаро нагирифта бошад, яъне се талоқ ба пуррагӣ воқеъ нашуда бошад. Зеро вақте се талоқ ба таври пурра воқеъ шавад, онҳо талоқи боин ба шумор мераванд ва зан пас аз он то ба шавҳари дигар набарояд ва аз вай ҷудо нагардад, барои шавҳари аввалаш ҳалол намегардад.

4. Талоқ бо калимаҳое ба амал ояд, ки танҳо дар мавриди талоқ ба кор бурда мешаванд ва дар истилоҳи фақеҳон ба онҳо лафзҳои сареҳи талоқ гуфта мешавад.

Пас талоқе, ки баъд аз духул (ҳамхобагӣ), бо адади камтар аз се, бе ҳеҷ гуна иваз (бе хулъ) ва бо лафзҳои сареҳи талоқ ба вуқӯъ омада бошад, талоқи рақъӣ ба шумор меравад.

Се лафзи киноя талоқ: а) идда бинишин, б) раҳмат (бачадонат)-ро пок соз ва в) ту воҳидаӣ аз ҷумлаи ибораҳое мебошанд, ки дар мазҳаби ҳанафӣ бо онҳо низ талоқи рақъӣ воқеъ мешавад.

***Талоқи боин он аст*,** ки мард лафзи ҳаром ва ё дигар лафзҳои киноя талоқро ба занаш нисбат диҳад, мас., ба зани худ бигӯяд: *«Ту бар ман ҳаромӣ ё мисли хоҳар ва модарам ҳастӣ»* ва нияти талоқро дошта бошад, дар ин суратҳо талоқи боин воқеъ мешавад. Агар мард бихоҳад бо он зан зиндагонии муштараки худро идома диҳад, занро аз сари нав бояд ақд намояд. Ин ақд пеш аз гузаштани идда ё баъд аз он саҳеҳ аст.

Боин ба маънои ҷудоӣ аст ва дар истилоҳи фиққӣ ба он талоқе гуфта мешавад, ки дигар ҳаққи бозгаште барои зану шавҳар бар асоси никоҳи қаблӣ боқӣ намондааст. Агар дар ин сурат онҳо ба зиндагонӣ бо ҳам изҳори алоқамандӣ намоянд, ақд ва маҳри нав лозим меояд.

Талоқи рақъӣ ниёзе ба ақди дубора надорад. Ҳамин ки мард гуфт: *«Аз талоқи худ руҷӯъ кардам»,* ё бо зани худ пас аз талоқ ҳамхобагӣ намуд ё ӯро бӯсид ё дасташро бо шаҳват ба баданаш молид ё бо нигоҳи шаҳватолуд ба фарҷаш (андоми ниҳон) назар афканд, ҳамаи инҳо пеш аз гузаштани идда руҷӯъ ба ҳисоб меоянд ва бо ҳамин, зан ҳамсараш мегардад, вале аз нисоб (марра)-и талоқ, ки ҳадди болоаш се талоқ аст, коста мешавад.

Яъне агар пас аз чанд сол дар сурате ду талоқи рақъии дигар воқеъ шавад, ё агар ду талоқ дода бошад ва як талоқи дигар воқеъ шавад, он зан сеталоқа мегардад. Яъне дар як ва ду талоқи рақъӣ робитаҳои заношавҳарӣ аз тамоми ваҷҳ (ба таври комил) канда намешаванд, балки пайванде дар миёни онҳо то поёни идда боқӣ мемонад ва метавонанд бо рақъат (бозгашт)-и худ онро аз нав барқарор намоянд.

Дар вақти руҷӯъ кардан ҳузури ду шоҳид мустаҳаб мебошад ва дар сурати набудани шоҳиде ҳам руҷӯъ саҳеҳ мешавад. Ризояти зан дар руҷӯъ ва бозгашт шарт нест. Мард агар моил бошад, бе ризояти зан метавонад руҷӯъ намояд. Зеро руҷӯъ аз ҷумлаи салоҳиятҳои мард аст.

Агар пас аз гузаштани идда мард гӯяд, руҷӯъ кардам ва зан ҳам тасдиқ намояд, руҷӯъ саҳеҳ аст, вале агар зан тасдиқ накунад, сухани зан бидуни қасам дуруст дониста мешавад.

Шахсе ҳамсари худро пеш аз ҳамхобагӣ талоқи сареҳ диҳад, дигар наметавонад ба вай руҷӯъ намояд, ҳарчанд хилвати саҳеҳа сурат гирифта бошад, зеро талоқи зани ғайримадхула бо ҳар лафзе сурат гирад, талоқи боин мебошад.

Зане, ки талоқи рақъӣ гаштааст, метавонад худро зинату ороиш диҳад, то дили шавҳарашро ба сӯи худ моил намояд ва ба руҷӯъ алоқаманд гардонад.

Зане, ки талоқи боин гардидааст, пеш аз гузаштани идда наметавонад бо марди дигаре ба шавҳар барояд, вале ҳамон шавҳари аввалааш, ки вайро талоқ кардааст, метавонад дар ҳолати идда бо вай дубора ақд бандад.

Талоқи боин ду навъ аст*: *а) *боини хурд ва ё байнунаи суғро (ҷудоии хурд) ва б) боини ғализ ва ё талоқи ғализ ва байнунаи кубро (ҷудоии калон) ва он ҳамон сеталоқа аст.*

ПАЙВАСТАНИ ТАЛОҚҲО

Талоқи сареҳ (раҷъӣ) ба талоқи сареҳ пайваст мешавад.[1,2] Мас., шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Ту талоқӣ»* ва пас аз чанд рӯз, пеш аз гузаштани идда, бори дигар бигӯяд: *«Ту талоқӣ»*, ин зан дуталоқа мешавад ва агар бештар бигӯяд, бештар воқеъ мешавад. Талоқи сареҳ ба талоқи боин низ пайваст мешавад ва ҳар ду боин мегарданд.[3] Мас., шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ту боинӣ»*[4] ё *«Ту талоқӣ албатта»* ё *«Ту бо сахттарин талоқ талоқӣ»* ва пас аз чанд рӯз, дар муддати иддааш, боз бигӯяд: *«Ту талоқӣ»*, ду талоқ воқеъ мешавад.

Талоқи боин низ ба талоқи сареҳ пайваст мешавад. Мас., шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Ту талоқӣ»* ва пас аз чанд рӯз боз бигӯяд: *«Ту боинӣ»*, ин талоқи боин ба талоқи сареҳ пайваст мешавад ва ду талоқ воқеъ мегардад. Вале талоқи боин ба талоқи боин пайваст намешавад.[5] Мас., шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ту*

---

[1] Ибораи фуқаҳо ин аст: Сареҳ (хоҳ бо он талоқи боин воқеъ шуда бошад ё раҷъӣ) ба сареҳ ва боин мепайвандад ва боин (бо лафзҳои киноя) танҳо ба сареҳ (-и раҷъӣ) мепайвандад, на ба боин.

[2] Лафзҳои сареҳи талоқ, ки бо онҳо талоқи боин воқеъ мешавад низ, ба сареҳи талоқ мепайванданд, яъне талоқи боин бо лафзҳои сареҳ ба талоқи раҷъӣ мепайвандад. Зеро онҳо аз лафзҳои сареҳи талоқ ҳастанд, ба мисли қавли мард ба занаш: *«Ту талоқӣ»*, он гоҳ дар муддати идда боз бигӯяд: *«Ту талоқи боинӣ»* ё *«Ту бо қабеҳтарин талоқ талоқӣ»* ё *«Туро бо сахттарин талоқ талоқ кардам»* ва монанди инҳо. Дар ҳамаи ин суратҳо талоқи сареҳи боин ба талоқи сареҳи раҷъӣ мепайвандад ва чанд талоқеро дар он афзуда бошад, бар талоқи аввал илова мешаванд.

Ҳамчунин лафзҳои киноя, ки бо ният дар онҳо як талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад (се лафзи маъруф назди фуқаҳо) ва мулҳақоти онҳо низ, ба талоқи сареҳ мепайванданд, мас., ба занаш бигӯяд: *«Ту талоқӣ»* ё *«Ту муталлақаӣ»* ва дар давраи иддааш боз бигӯяд: *«Идда бипой!»* ё *«Ту якеӣ»* ва ғ., ин талоқҳо ба талоқи сареҳи аввал мепайванданд ва ду талоқ воқеъ мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. – С. 60–61; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 528–533).

[3] Лафзҳои сареҳе, ки бо онҳо талоқи боин воқеъ мешавад, ба талоқи боин мепайванданд, боини аввал низ бо чунин лафзҳо воқеъ шуда бошад ё бо лафзҳои киноияи талоқ. Мас., агар мард пас аз қавли худ ба занаш: *«Ту талоқи боинӣ»* ё *«Ту бо қабеҳтарин талоқ талоқӣ»* ё *«Туро бо сахттарин талоқ талоқ кардам»* (лафзҳои сареҳи талоқ) ё *«берун шав!»*, *«бархез!»*, *«гум шав!»*, *«ҷавобатро додам»* (лафзҳои киноёти талоқ), ки бо ҳар ду қисм талоқи боин воқеъ мешавад, боз бигӯяд: *«Ту талоқи боинӣ»*, *«Ту талоқи албатта»* ва ғ., онҳо бо ҳам мепайванданд ва ду талоқ воқеъ мешавад. Агар дар навбати аввал ду талоқ воқеъ шуда бошад, бо талоқи навбати дуюм се талоқ комил мегардад, агар дар навбати аввал як талоқ воқеъ шуда бошад ва дар навбати дуюм ду талоқ ё се талоқи дигар ба он биафзояд, пас се талоқ комил мегардад ва зоид аз он лағв аст. Лафзҳои киноя, ки бо онҳо талоқи раҷъӣ воқеъ мешавад низ, ба талоқи боин мепайванданд (Фатҳулқадир. – Ҷ. – С. 60–61; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 528 - 533).

[4] Дар Дур овардааст: Лафзи *«Ту боинӣ»* киноияи талоқ аст, талоқ муаллақ (вобаста ба шарт) бошад ё мунаҷҷаз (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 535; ал-Баҳру-р-роиқ. – Ҷ. 3. – С. 434). Лафзи *«боин»* вақте дар таркиби исноди ба ҳайси муснад (хабари мубтадо) воқеъ шавад, он аз лафзҳои киноияи талоқ аст, ба мисли *«Ту боинӣ»*. Зеро дар ин таркиб он эҳтимоли талоқ ва ғайри талоқ ҳар дуро дорад, яъне ҳамон гуна ки метавон ба он ҷудоӣ ва берун шудан аз қайди никоҳ, яъне талоқро ирода кард, метавон дурӣ аз зиштиҳо, хешу табор ё ғайри онро низ ирода кард. Пас эҳтимоли мавриди назарро дар он нияти мард муайян месозад. Аммо вақте дар таркиби васфӣ ба ҳайси сифат корбурд шавад, он маънои мавсуфи худро такмил ва муайян мекунад ва қайде барои лафзи сареҳ ба шумор меравад, на киноя.

[5] Мурод аз талоқи боине, ки ба боин пайваст намешавад, боинҳое аст, ки бо киноёти талоқ воқеъ мешаванд, хоҳ боини аввал низ бо ин киноёти талоқ воқеъ шуда бошад ё бо лафзҳои раҷъие, ки бо онҳо талоқи боин воқеъ мешавад. Аммо талоқи боине, ки бо лафзҳои сареҳи талоқ воқеъ шудааст, чӣ тавре баён гардид, ба талоқи боин мепайвандад, зеро лафз дар онҳо, ки ба сареҳи талоқ далолат мекунад ва маънои талоқ дар он музмар аст, бар маънои киноя тарҷеҳ дода мешавад (Фатҳулқадир. – Ҷ. – С. 60–61; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 528–533). Баъзе фуқаҳо ба таври мутлақ зикр кардаанд, ки талоқи боин ба боин намепайвандад.

Соҳиби Фатҳ ҳодисаеро дар ин бора зикр карда, ки дар Ҳалаб иттифоқ афтода ва фуқаҳо дар бораи он назарҳои мухталиф додаанд. Марде занашро талоқи боин кард, сипас дар муддати идда ӯро се талоқ (-и дигар) кард, ҳақ он аст, ки ин талоқҳо ба он талоқи боин мепайванданд (ва он зан се талоқ мешавад), зеро лафзи сареҳи боин ба боин мепайвандад (Ҳамончо). Сареҳи лафз дар се талоқи ахир бар маънои киноя дар он тарҷеҳ дода шуда ва пайвасти онро ба боини қаблӣ саҳеҳ ва ҷоиз гардонидааст Ба гуфтаи соҳиби Дурр, қавли машҳур (дар мазҳаб ва ба гуфтаи соҳиби Радд, саҳеҳтари муфто биҳ) он аст, ки се талоқ, вақте бо лафзҳои сареҳи талоқ воқеъ шавад (гарчи бо он байнунаи кубро – се талоқ ва боин воқеъ мешавад), ба боини аввал мепайвандад. Он гоҳ соҳиби Радд меафзояд: Ин (қавли соҳиби Дурр) раддест бар қавли онҳое, ки дар ҳодисаи Ҳалаб гуфтаанд: Се талоқ (-и баъдӣ) воқеъ намешавад, яъне ба талоқи боини аввал намепайвандад, зеро он дар маъно боин аст ва боин ба боин намепайвандад ва эътибори маъно аз эътибори лафз авлотар аст (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 529–530).

талоқӣ албатта», *«Ту бо сахттарин талоқ талоқӣ»* (боини сареҳ) ё *«Ту боинӣ» «Ту бар ман ҳаромӣ»*, *«Ту барӣ ҳастӣ – анти барийятун»*, *«Ту холӣ ҳастӣ – анти халийятун»* ва монанди инҳо аз киноёти талоқ ва пас аз чанд рӯз боз бигӯяд: *«Ту боинӣ»*, *«Ту барӣ ҳастӣ»* ё *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, гуфтаи мартабаи дуюм ба мартабаи аввал пайваст намешавад ва танҳо як талоқи боини қаблӣ воқеъ мегардад.

Боин вақте ба боин намепайвандад, ки имкони хабари талоқи аввал гардонидани он вуҷуд дошта бошад. Пас дар ин ҳолат онро хабар аз талоқи воқеъшуда қарор медиҳанд, на иншо – эҷоди талоқи нав. Дар китоби Кофӣ аз Ҳокими Шаҳид овардааст: Вақте мард занашро як талоқи боин кунад, он гоҳ дар давраи иддаш ба вай бигӯяд: *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, *«Ту барӣ ҳастӣ»*, *«Ту боинӣ»* ва монанди инҳо ва бо ин гуфтаҳояш нияти талокро дошта бошад, (онҳо ба талоқи қаблӣ пайваст намешаванд) ва чизе воқеъ намешавад. Зеро имкон дорад, ки лафзҳои талоқи баъдӣ хабари талоқи аввал қарор дода шаванд, ба ин маъно ки мард бо ин лафзҳо хабар медиҳад, ки занаш пеш аз ин талоқ шудааст ва вай дар нияташ содиқ аст.[1] Дар Баҳр ба нақл аз Ҳовии Қудсӣ овардааст, ки киноёти талоқ (-е, ки дар онҳо талоқи боин воқеъ мешавад), (ба талоқи боини қаблӣ пайваст намешаванд ва бо онҳо) чизе воқеъ намегардад, агарчи (мард дар онҳо) нияти талоқ карда бошад.[2]

Бо иттифоқи тамоми фуқаҳо боини муаллақ (вобаста) ба шарт, вақте шарт дар давраи иддаи зан таҳаққуқ ёбад, ба боини мунаҷҷаз (фаврӣ) мепайвандад, мисли ин ки шахсе ба зани худ бигӯяд: *«Агар дохили хона гардӣ, ту боинӣ ё ту талоқӣ албатта»*, он гоҳ пеш аз вуқӯи шарт ба ӯ бигӯяд: *«Ту боинӣ»* ва зан дар муддати иддааш дохили хона гардад, ин талоқи боини вобаста ба шарт ба талоқи боини гузашта пайваст мешавад.

Дар тамоми масоил ва ҳолатҳои зикршуда талоқҳо ба шарте ба якдигар пайваст мешаванд, ки зан дар идда бошад. Пас аз гузаштани идда дигар ҳеҷ навъе аз онҳо ба дигаре намепайвандад.

ДАР ПАНҶ МАВРИД ЗАН ТАЛОҚИ БОИН МЕШАВАД

а) Марде занашро талоқи раҷъӣ намояд, вале дар муддати идда ба ӯ руҷӯъ накунад ва ӯро ба мулки худ боз нагардонад, пас аз гузаштани идда ҳамон талоқи раҷъӣ ба боин табдил мешавад.

б) Мард дар ивази дарёфти миқдори моле аз занаш ӯро талоқ намояд, вай талоқи боин мешавад. Ин мавзӯъро дар истилоҳи фиқҳ хулъ мегӯянд.

в) Дар сурате ки қозӣ пас аз маъракаи лиъон марду занро аз ҳам ҷудо созад, он талоқи боин ба шумор мешавад. Ҳамчунин агар қозӣ онҳоро ба сабаби иннинӣ (ҳезӣ), маҷбубӣ (бурида ва канда будани олати таносулӣ) ва хисо (ахтагӣ)-и мард аз ҳам ҷудо созад, он низ талоқи боин ба шумор мервад.

г) Зане, ки пас аз ақди никоҳ ва пеш аз ҳамхобагӣ бо шавҳараш талоқ шавад, талоқаш боин мебошад.

д) Вақте мард ҳар се талокро дар як ҷумла ва ё дар чанд ҷумла, вале дар як маҷлис ҷорӣ намояд ва ё пешакӣ дар гузашта ду талоқ воқеъ шуда ва ин талоқи сеюм бошад, дар тамоми ин суратҳо талоқи боин бо «байнунаи кубро», яъне сеталоқа мешавад.

САРКАШӢ ВА НОФАРМОНИИ ЗАН

Вақте зан аз анҷоми масъулиятҳои ҳамсарӣ саркашӣ намояд ва хостаҳои машрӯъи шавҳарашро ба ҷой наоварад, дар марҳалаи аввал шавҳар бояд ӯро дилсӯзона насиҳат намояд ва зарурати пойбандӣ ба тааҳҳудот ва масъулиятҳои заношавҳариро барои вай ёдовар шавад.

Агар насиҳат дар вай таъсир накард, то муддате ҳамбистариро бо ӯ тарк намояд, то ғуруру ҳавобаландиаш шикаста шавад, аммо беш аз се шабонарӯз қаҳрӣ кардан ва бо ҳам сухан нагуфтан ҳаром аст.

Агар пас аз чанд муддате ба худ наомад ва худро ислоҳ накард, мард метавонад ба ғайр аз рӯй ва қисматҳои ҳассоси бадан, ӯро ба таври ғайри дардовар бизанад ва дуруст танбеҳ диҳад.[3]

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 531.

[2] ал-Баҳру-р-роиқ. – Ҷ. 3. – С. 444; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 533.

[3] Ин зарбу таъдибе, ки дар доираи маҳдуд барои мард иҷозат шудааст, танҳо ҷанбаи ислоҳӣ ва тарбиявӣ дорад. Набояд мард барои таҳқиқи ғаразҳои шахсӣ ва

Агар ин илоҷ ва чорабинӣ низ натиҷаи мусбат надод, пас бояд аз хонаводаи ҳар ду барои гуфтугӯ ва мусолаҳаи миёни онҳо ҳакам ва довароне интихоб шаванд ва тамоми саъйу талоши худро дар пайи ислоҳ ва оштии онҳо ба кор баранд. Дар сурати баррасӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёти онҳо, вақте ҳакамҳо ба хулосае омаданд, ки дигар зиндагии якҷоя барои онҳо аз имкон берун аст, гузориши худро ба қозӣ мебардоранд, то барои рафъи буҳрон чораи дигаре биандешад.

Ҷумҳури мазҳабҳои аҳли суннат ба ҷуз мазҳаби моликӣ ҷудо сохтани онҳоро барои рафъи буҳрон дар ин ҳолат на аз тарафи қозӣ ва на ба воситаи ҳукми ҳакамон ҷоиз надонистаанд, балки қозӣ бояд чораи боздорандае дар таъдиби онҳо биандешад. Назди аиммаи ҳанафӣ вақте ҳакамҳо дар эҷоди ислоҳ байни онҳо ном монданд, онҳоро ба ҳоли худ бигузоранд, то мушкил ва низоъи хешро ба тариқи мусолаҳа ё сабру гузашт ё талоқ ва ё хулъ ҳал намоянд ва ҳаққи аз ҳам ҷудо сохтани онҳоро надоранд, магар ин ки зану шавҳар ин корро ба онҳо муфавваз намоянд. Дар ин ҳолат ҳакамҳо вакили онҳо ба шумор рафта, метавонанд онҳоро ба тариқи ваколат аз ҳам ҷудо созанд.

Равиши дар боло зикргардида ва интихоби ҳакам аз ҷониби ҳар ду ва кӯшиши ба ислоҳ овардани онҳо дар Қуръони карим дар оятҳои 34 ва 35-уми сураи *«Нисо»* омадааст.

ИСТИСНО ДАР ТАЛОҚ

Истисно ба маънои корбурд ва ё гуфтани лафзе аст, ки аз маъно ва ҳукми умумии лафзи қаблӣ баъзе маъно ва ё ҳукми онро истисно ва берун мекунад ва ё аз лафзи пешин ҳукми онро рафъ месозад. Мисоли навъи аввал қавли Худои таъоло аст, он ҷо ки мефармояд: **«Бигӯ: Дар ончи ба ман ваҳй шудааст, ҳароме бар хӯрандае, ки онро биҳӯрад, намеёбам, магар ин ки он худмурда бошад».** (Сураи Анъом, 8:145). Мисоли навъи дуюм қавли гӯянда: Ба Худо, чунин мекунам, агар Худо бихоҳад, занаш талоқ, агар Худо бихоҳад ва ғайра.[1]

Истисно дар фарҳанги исломӣ ба маънои баргашт додани саранҷоми корҳо ва қудрати тасарруфи мутлақ дар онҳо ба сӯи Худованд аст, ки бандаи муъмин аз ин раҳгузар тасмими хешро дар анҷоми корҳо дар зимни машияти Парвардигор медонад ва эътимод ва такяи худро ба қудрати мутлақи Ӯ изҳор менамояд. Қуръони карим дар бораи соҳибони боғе, ки бо такя ба нерӯи инсонии худ ба чидани меваҳои он боғ тасмим гирифтанд ва фаромӯш карданд, ки онҳо ин корро вақте анҷом дода метавонанд, ки Худо онро бихоҳад, мефармояд:

«Мо онҳо (кофирони Қурайш)-ро озмоиш намудем, ҳамон гуна ки соҳибони боғро озмоиш кардем, вақте савганд хӯрданд, ки онро ҳатман саҳаргоҳон мечинанд ва истисно намекунанд. Ин буд, ки аз сӯи Парвардигорат дар хоби онҳо офате бар он бигузашт (ва) он (сӯхта) ба мисли шаб сиёҳ гардид…».[2]

Инсон гоҳо ба сабаби сарватмандӣ ва молу дороии бисёр ва гоҳе дар натиҷаи эҳсоси қудратмандӣ ва расидан ба ҳокимият мағрур мегардад ва аҷзу нотавонии башарии хешро фаромӯш карда, дар баробари одамони бенаво ва бекудрат тавонмандӣ ва сарвату қудрати хешро ба намоиш мегузорад ва ҳамаро аз доноӣ ва тавоноии худ мебинад. Истисно накардан – ба хости Худо баргашт надодани корҳо – намое аз ин фаромӯшкориҳо ва худбартарбиниҳои инсон аст.

Бинобар ин, Худованд ба паёмбари акрам (с) тавсия мекунад, ки анҷоми ҳама чиз ва тамоми корро ба машияти Парвардигор баргашт диҳад, он ҷо ки мефармояд: **«Ҳеҷ гоҳ нисбат ба кор ва ё чизе нагӯй, ки ман онро фардо анҷом хоҳам дод, магар ин ки Худо бихоҳад …».**[3] Яъне вақте анҷоми кореро бихоҳӣ, онро ба ма-

---

ҷомаи амал пӯшонидани мақсадҳои дигари худ, аз қабили интиқомгирӣ ва ҳамаҷониба саркӯб намудани зан, аз ин василаи тарбиявӣ суиистифода намояд ва боргоҳи беолоиши хонаводаро ба шиканҷагоҳе табдил диҳад.

Бар асоси таълимоти ислоҳӣ ва нишондодҳои тарбиявии ислом, вақте ин равиш (метод)-и боздоранда натиҷаҳои мусбати худро надод, фавран дастури гузаштан ба марҳалаи дигаре аз ислоҳовариро медиҳад. Яъне миёнҷигарони ислоҳхоҳ ва бетарафи ҳар ду ҷониби қазия пой дар миён гузоранд ва аз тамоми имкониятҳо барои ислоҳи онҳо истифода намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки агар суитафоҳум ва носозгорие аз ҷониби мард низ ба вуқӯъ ояд, миёнаравони ду тараф метавонанд вазифаи ислоҳоварии худро анҷом диҳанд.

[1] Муфрадоти Роғиби Исфаҳонӣ. – С. 179: моддаи «санӣ».

[2] Сураи Қалам, 68: 17, 18.

[3] Сураи Каҳф, 18: 23, 24.

шияти Парвардигор баргардон ва бигӯй: Агар Худо хоҳад, онро анҷом медиҳам.

Дини ислом барои онҳое, ки пас аз қасам хӯрдан, талоқ кардан, зиҳор намудан ва ғайра дарҳол ва бефосила истисно менамоянд – ибораи: «Иншоаллоҳ»-ро мегӯянд, сабукӣ ато намуда, ҳукми онҳоро беэътибор донистааст. Ба ин маъно, ки агар шахсе, мас., пас аз талоқи занаш дарҳол истисно намояд – иншоаллоҳ бигӯяд, талоқе воқеъ намешавад.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе бо қасаме савганд бихӯрад (ва) пас аз он иншоаллоҳ бигӯяд, ҳонис намешавад».***[1]

Ҳонис шудан дар луғат ба маънои гунаҳгор шудан ва ҳинс ба маънои занб (гуноҳ) аст. Дар истилоҳи фиққӣ бошад, дар боби қасам ба маънои шикастан ва хилофи он кардан аст[2] ва дар боби талоқ, зиҳор ва ғайра ба маънои собит шудани ҳукми онҳо дар ҳаққи муртакиби он аст.

Бар ҳамин асос, вақте пас аз талоқ истисно намояд – иншоаллоҳ бигӯяд, ҳонис намешавад, яъне ҳукми он барояш собит намешавад.

Ибораҳои: «илло ан яшоаллоҳ» (магар ин ки Худо бихоҳад), «ин лам яшаиллоҳ» (агар Худо нахоҳад), «фимошоаллоҳ» (дар он чи Худо бихоҳад), «молам яшаиллоҳ» (модоме Худо нахоҳад) ва «мошоаллоҳ» дар боби истисно ҳукми «иншоаллоҳ»-ро доранд, яъне бо гуфтани онҳо бефосила пас аз талоқ он воқеъ намешавад.[3] Агар ба ҷои машиат калимаҳои ирода ва ихтиёрро ба кор барад ҳам, истисно бо онҳо собит мешавад.

Ҳамчунин агар пас аз талоқ бефосила бигӯяд: Ту талоқ, магар ин ки Худо ниятамро тағйир диҳад ё ниятам дигар шавад ё магар ин ки бихоҳам ва ё ирода кунам, дар тамоми ин суратҳо истисно дуруст мешавад ва талоқе воқеъ намешавад.

Агар бигӯяд: Ту талоқ, агар падарат намебуд ё агар ҳуснат намебуд ва ё агар туро дӯст намедоштам, дар ин суратҳо низ истисно саҳеҳ аст ва талоқе воқеъ намешавад.[4]

Маҷмӯаи дах лафзи «машиат ва ҳамроҳонаш» бо пешвандҳо ва ҳарфҳои «ба», «барои», «дар» ва «агар» дар боби талоқ корбурди зайлро доранд:

а) Дар ибораҳои: Ту ба хости Худо ё ба иродаи Худо ё ба муҳаббати Худо ва ё ба ризои Худо талоқ, талоқе воқеъ намешавад. Зеро он корҳо ғайб ҳастанд ва касе ҷуз Худо онҳоро намедонад. Агар ин ибораҳоро ба сӯи банда изофа кунад, онҳо тамлик ба шумор рафта, ба маҷлиси илм маҳдуд мешаванд.

Аммо агар бигӯяд: Ту ба амри Худо ё ба ҳукми Худо ё ба қазои Худо ё ба изни Худо ё ба илми Худо ва ё ба қудрати Худо талоқ, талоқ дарҳол воқеъ мешавад. Агар ин шаш калимаро ба сӯи банда изофа намояд ҳам, дар онҳо талоқ дарҳол воқеъ мешавад. Зеро дар ин гуфтаҳо, вақте бо пешванди «ба» (ба амри Худо ва ё ба амри фалонӣ) омадаанд, урфан талоқи танҷиз (дарҳолӣ) дарназар аст.[5]

б) Агар дар ибораҳои фавқ ҳарфи «барои»-ро ба кор барад, хоҳ онҳоро ба сӯи Худо изофа намояд ва бигӯяд: Ту барои хост ва ё ризои Худо талоқ ва хоҳ ба сӯи банда нисбат диҳад ва бигӯяд: Ту барои хости фалонӣ талоқ, дар тамоми дах ибораи мазкур талоқ дарҳол воқеъ мешавад. Зеро он барои баёни иллат (сабаб)-и феъли талоқ аст.[6]

в) Агар дар ибораҳои фавқ ҳарфи «дар»-ро ба кор барад[7] ва дар изофа ба сӯи Худо бигӯяд: Ту дар хости Худо талоқ, дар тамоми дах ваҷҳи боло талоқе воқеъ намешавад. Аммо агар онҳоро бо ҳарфи «дар» ба сӯи банда изофа намояд, дар чаҳор калимаи аввал тамлики талоқ аст ва он ба маҷлиси илм маҳдуд мебошад. Дар шаш калима

---

[1] Сунани Абудовуд, 3261, 3262; Сунани Тирмизӣ, 1531, 1532; Сунани Насоӣ, 3802, 3838; Сунани Ибни Моҷа, 2105, 2106.

[2] Саъдӣ Абуҷайб, Алқомӯсу-л-фиққӣ луғатан ва истилоҳан. – С. 104. – Димишқ.

[3] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 120; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 623.

[4] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4 – С. 623.

[5] Пешванд ва ё пешоянди «ба» дар имлои забони форсӣ ба шакли «بـه» навишта мешавад ва ба маънои мусоҳабат (ҳамроҳӣ), истиъонат, илтисоқ (часпидан, пайвастан) ва ғайра ба кор равад. Асли ин масъала дар забони арабӣ бо ҳарфи «بـ» аст, ки дар забони тоҷикӣ бо пешванди «ба» тарҷима мешавад.

[6] «Барои» ҳарф (пешванд)-и изофа буда, барои баёни иллати…, сабаби…, ҷиҳати…, аз баҳри… ва мақсади… меояд. Дар забони арабӣ ҳарфи таълил: «لِ» ба маънои он ба кор бурда мешавад.

[7] «Дар» ҳарф (пешванд)-и изофа буда, ба маънои зарфият, қурб ва мусоҳабат (ҳамроҳӣ), пайдарпай ва бисёрӣ ва ғайра меояд. Дар забони арабӣ ҳарфи «فِي» маънои онро ифода мекунад.

боқимонда талоқ ба сурати таълиқ воқеъ мешавад, яъне талоқ дар онҳо ба маҷлиси илм маҳдуд набуда, ба таҳаққуқи шарташ вобаста аст.[1]

г) Агар талоқро дар ин лафзҳо бо истифода аз ҳарф (пайвандак)-и «агар»-и шартия[2] ба Худо изофа намояд ва бигӯяд: Агар Худо хоҳад ва ё агар Худо ҳукм намояд ва монанди ин, дар тамоми даҳ ваҷҳи мазкур талоқ воқеъ намешавад. Аммо агар талоқро ба банда изофа намояд ва бигӯяд: Агар фалонӣ хоста бошад ва ё агар фалонӣ ҳукм кунад ва монанди ин, дар чаҳор ваҷҳи аввал ба тариқи тамлик ва дар шаш ваҷҳи боқимонда ба тариқи таълиқ талоқ воқеъ мешавад.[3]

ғ) Ҳамчунин агар талоқро ба хост ва иродаи мавҷудоте вобаста созад, ки онро аз онҳо дониста намешавад, ба монанди фариштагон, инс (тамоми мардум, башар) ва ҷин, мас., бигӯяд: Агар фариштагон хоста бошанд, ту талоқ ва ё ба хост ва иродаи мавҷудоте вобаста созад, ки аслан ирода надоранд, ба монанди ҷамодот ва ҳайвонот, талоқ воқеъ намешавад.[4]

д) Агар талоқро ба хост ва иродаи одамон: Мусо, Исо ва ғайра вобаста созад, он тамлик ҳисоб мешавад – талоқ ба дасти онҳо супорида мешавад ва он ба маҷлиси илмашон маҳдуд мегардад. Агар дар он маҷлис талоқро ирода карданд ва онро ба забон эълон намуданд, талоқ воқеъ мешавад. Пас аз тағйири маҷлис ҳаққи ихтиёрашон ба поён мерасад ва дигар чизе анҷом дода наметавонанд.[5]

Аммо шарти собит шудани истисно он аст, ки онро ба ибораи талоқ, савганд ва ғайра пайваст намояд ва пас аз онҳо бефосила онро бигӯяд.

Дар истисно ва талоқ талаффузи онҳо ба забон шарт нест, балки онҳо бо китобат низ собит мешаванд. Агар талоқро ба забон бигӯяд ва истисноро бефосила китобат намояд ва ё баръакс, талоқро бинависад ва истисноро бефосила бо забон бигӯяд, дар ҳар ду сурат истисно саҳеҳ аст ва талоқе воқеъ намешавад. Ҳатто агар пас аз китобати талоқ ва истисно лафзи истисноро кӯр кунад ҳам, он саҳеҳ аст ва талоқе воқеъ намешавад.[6]

Истисно ҳамчунин ба ният ва донистани маънои ибора бастагӣ надорад, балки агар онро беирода ва ё бе дарки маънояш ба забон оварад ҳам, он саҳеҳ мешавад ва талоқе воқеъ намешавад.

Вожаи тамлик, танҷиз ва таълиқ дар корбурди фиқҳӣ дар боби талоқ ба маънои зер меоянд:

1. Тамлик дар луғат ба маънои чизе ва ё ҳаққи тасарруф дар кореро ба мулки касе даровардан ва ё касеро молик ва соҳиби чизе ва ё ҳаққе сохтан аст. Дар корбурди фиқҳӣ дар боби талоқ бошад, он ба маънои талоқро ба ихтиёри шахси дигаре – чи зан бошад, чи дигар кас – вогузоштан, яъне ҳаққи талоқро ба вай супоридан аст. Дар ин ҳолат ҳаққи тасарруф дар талоқ барои он шахс ба маҷлиси илмаш маҳдуд мебошад, вай то замони пеш аз тағйири маҷлисе, ки дар он аз он амр огоҳ гардидааст, ҳаққи тасарруф дар онро дорад ва ҳамин ки маҷлис тағйир ёфт, ҳаққаш ба поён мерасад.

2. Танҷиз дар луғат ба маънои анҷом додан, ба амал баровардан, анҷом бахшидан, такмил кардан, раво доштан, фавран таҳаққуқ бахшидан ва ғайра меояд. Дар корбурди фиқҳӣ дар боби талоқ ба маънои фавран ва бефосила ба вуқӯъ пайвастани талоқ аст.

3. Таълиқ дар луғат ба маънои овезон кардан, бекор намудан, ба таъхир андохтан, ёддошт намудан, дар ҳошия ва поварақӣ қайд кардан ва ғайра меояд. Он дар корбурди фиқҳӣ дар боби талоқ ба маънои ба шарте ва коре ва ё замоне вобаста кардани талоқ, яъне онро ба шарте мутааллиқ ва машрут сохтан аст. Дар ин сурат талоқ вақте воқеъ мешавад, ки шарт таҳаққуқ ёфта бошад.

ФАРҚИ ТАЛОҚ АЗ ФАСХ

Ҷудоӣ ва аз байн бурдани ақди никоҳ бар асоси муқаррароти шаръ ба ду сурат ба амал бароварда мешавад: а) ҷудоие, ки онро дар истилоҳи шаръӣ ва дар санадҳои ҳуқуқӣ талоқ меноманд ва б) ҷудоие, ки онро фасх мегӯянд. Талоқ ва фасх дар аҳком ва пайомадҳои ҳуқуқӣ

[1] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 121; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 627, 628.

[2] «Агар» ҳарф (пайвандак)-и шартӣ буда, ба маънои: Дар сурате ки, вақте ки, ба шарте ки ва ғайра меояд. Дар забони арабӣ ба ҷои он ҳарфи «إِنْ»-и шартия ба кор бурда мешавад.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 628.

[4] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 121; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 622, 623.

[5] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 121.

[6] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 619, 620.

дар се чиз аз якдигар фарқ мекунанд:

1. Дар моҳияти он. Фасх дар ҳақиқат он ҷудоиест, ки ақд дар он ё ба сабаби аз байн рафтани ҳиллияти маҳал ва ё пас аз ба даст овардани ҳаққи тасмимгирӣ аз асос бекор мегардад. Ҳиллияти маҳал ё ба таври абадӣ аз байн меравад ва салоҳияти он барои ақд дигар боқӣ намемонад ва ё муваққатан аз байн меравад ва пас аз бартараф гардидани монеа боз ба ҳоли пешини худ бармегардад.

Аммо талоқ бошад, он ҷудоие аст, ки дар он ба қарордод ва ақди никоҳ хотима дода мешавад, вале на ҳиллияти маҳал дар он зоил мегардад ва на пайвандҳои заношавҳарӣ (дар ғайрисеталоқа) то поёни муддати идда комилан аз байн мераванд. Ҳиллияти маҳал бошад, дар талоқ пас аз се талоқ аз байн меравад.

2. Дар сабабҳо. Фасх бар асари пеш омадани ҳолатҳое сурат мегирад, ки бо моҳияти ақди никоҳ ва ҳадафи издивоҷ дар тазод қарор доранд ва ё бар асари ҳолатҳое, ки ҳамзамон бо фароҳам омадани шартҳои лузуми ақд ба вуҷуд меоянд ва лузуми онро аз байн мебаранд. Ҷараён гирифтани алоқаи ҷинсӣ дар байни мард ва модар ва ё духтари зан ва ё дар байни зан ва падар ва ё писари мард дар байни мард ва зан ҳурмати мусоҳаратро ба вуҷуд меовард ва он зан ба таври абадӣ барояш ҳаром мегардад. Дар ин ҳолат ҳиллияти маҳал ба таври абадӣ аз байн меравад.

Муртад гардидани зан ё аз қабули ислом ибо кардани вай низ ҳиллияти маҳалро барои ақди никоҳ аз байн мебарад ва он бар хилофи исмати издивоҷ бо марди мусулмон аст. Дар ин сурат ҳиллияти маҳал муваққатан аз байн меравад.

Агар пас аз расидан ба синни балоғат яке аз онҳо ҷудоиро ихтиёр намояд ва ё валӣ ва сарпарасти зан, ки ба нокуфв ва ё бо камтар аз маҳри мисл ба касе издивоҷ карда, ҷудоии ӯро талаб кунад, ақд, ки ба иҷозати онҳо мавқуф буд, фасх мегардад. Зеро он ҳолат шарти лузумро дар он ақд бекор менамояд.

Талоқ бошад, пас аз ақди саҳеҳ сурат мегирад ва он ҳаққи мард аст ва дар он ҳеҷ ҳолате, ки бар хилофи моҳияти ақди никоҳ бошад ва ё фуқдони шароити лузуми ақд ҷой надорад.

3. Дар осори бавуҷудомада аз онҳо. Фасх аз нисоби талоқ чизеро кам намесозад, вале дар талоқ бошад, адади он бо ҳар талоқе кам мегардад. Нисобе, ки шариат барои талоқ муайян кардааст, се талоқ аст.

Дар иддаи ҷудоӣ аз фасх талоқи дигар воқеъ намешавад, яъне талоқ ба фасх пайваст намешавад. Вале талоқ дар муддати идда аз он навъ ҷудоие, ки талоқ ба шумор меравад, ғайр аз ҷудоӣ дар лиъон, ба талоқи қаблӣ пайваст мешавад.[1] Зеро дар муддати идда аз талоқ ҳанӯз қисмате аз аҳкоми издивоҷ ва пайвандҳои заношавҳарӣ боқӣ ҳастанд.

Дар талоқи пеш аз духул нисфи маҳри мусаммо ва дар сурати муайян набудани маҳр мутъа (туҳфа)-е барои зан пешбинӣ шудааст, вале агар пеш аз духул фасх сурат гирад, зан чизе ҳақбар намегардад.

Дар ҳар мавриде, ки ҷудоӣ ба сабаби зан ба амал ояд, он фасх ба шумор меравад ва он суратҳои зеринро шомил аст:

1. Ҷудоие, ки аз сӯи додгоҳ (қозӣ) дар миёни зану шавҳар ба сабаби напазируфтани зан исломро пас аз ислом овардани шавҳари мушрик ва бединаш сурат мегирад, фасх ба шумор меравад. Зеро зани мушрика ва бедин, вақте пас аз исломи шавҳараш бар куфр исрор биварзад, дигар салоҳияти издивоҷ бо марди мусулмонро надорад, яъне маҳаллияти ақд ба сабаби куфр аз байн меравад.

Аммо агар зан ислом оварда бошад ва мард аз қабули он ибо варзад, дар он сурат низ додгоҳ онҳоро аз ҳам ҷудо месозад, вале он ҷудоӣ дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) талоқ ба шумор меравад.

2. Ҷудоӣ ба сабаби муртад гардидани яке аз онҳо.

3. Ҷудоӣ ба сабаби хиёри булуғи писар ва духтари хурдсол. Вақте писар ва ё духтари хурдсолро пеш аз синни балоғат ғайр аз падар ва ҷад (бобӣ) яке дигар аз сарпарастонаш ба никоҳ бароварда бошад, онҳо вақте ба балоғат расиданд, ихтиёр доранд, ки он ақдро танфиз намоянд ва ё ба он эътироз кунанд. Агар ҷудоиро ихтиёр намоянд, бо ҳукми додгоҳ (қозӣ) аз ҳам ҷудо сохта мешаванд ва ҷудоии онҳо дар ин сурат фасх ба шумор меравад.[2]

Аммо агар зан ба сабаби маҷбуб, иннин, ха-

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 176.

[2] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 269.

сӣ (ахта) ва ё хунсо будани мард ҷудоиро талаб намояд, онҳоро низ қозӣ аз ҳам ҷудо месозад, вале он талоқ ба шумор меравад. Зеро он ба сабаби мард пеш омадааст.[1]

4. Ҷудоие, ки ба сабаби ба нокуфв ба шавҳар баромадани зан ва ё дар натиҷаи нуқсони маҳр бо талаби падар ва ё яке аз сарпарастони вай сурат мегирад, он низ, ба мисли хиёри булуғ, фасх ба шумор меравад ва бояд ба василаи додгоҳ ба иҷро бароварда шавад.

5. Ҷудоӣ ба сабаби табоюни дорайн ва хиёри итқ низ фасх ба шумор меравад, вале хиёри итқ ба судури ҳукм аз сӯи додгоҳ ниёзе надорад.[2]

Дигар навъҳои ҷудоие, ки аз ҷониби мард ва ё ба сабаби вай ба амал меоянд, ҳама талоқ ба ҳисоб мераванд. Хулъ яке аз ин навъ ҷудоиҳо буда, талоқ ба шумор меравад, на фасх.

Ҷудоиҳо дар ин боб умуман ба сездаҳ навъ тақсим мешаванд, ки ҳафт навъи онҳо ба судури ҳукми додгоҳ ниёз доранд ва шаш навъи дигараш ба он ниёз надоранд. Он ҳафт навъе, ки ба судури ҳукми додгоҳ ниёз доранд, иборатанд аз:

1. Ҷудоӣ ба сабаби хиёри булуғ;[3] 2. ба сабаби нокуфв будани мард; 3. ба сабаби нуқсони маҳр;[4] 4 ба сабаби ибои шавҳар аз қабули ислом; 5. ба сабаби лиъон; 6. ба сабаби вуҷуди доштани айбҳои ҷаб(б), унна ва хисо дар мард; 7. ҷудоӣ ба сабаби ибои зан аз қабули ислом.

Аз ин ҳафт навъ ҷудоӣ се навъи аввалаш фасх ва се навъи охир – ҷудоӣ ба сабаби ибои шавҳар аз қабули ислом, ба сабаби лиъон ва ба сабаби вуҷуди айбҳо дар мард – талоқ ба шумор мераванд.[5]

Ҷудоӣ ба сабаби ибои зан аз қабули ислом пас аз ислом овардани мард ба иттифоқи ҳамаи имомон фасх ба шумор меравад.[6]

Он шаш навъе, ки ба судури ҳукми додгоҳ ниёзе надоранд, иборатанд аз:

1. Ҷудоӣ ба сабаби хиёри итқ; 2. ба сабаби аз дин баргаштани яке аз завҷайн; 3. ба сабаби табоюни дорайн; 4. ба сабаби молик гардидани яке аз онҳо дигарашро;[7] 5. дар никоҳи фосид; 6. ҷудоӣ ба сабаби вуқӯъи ийло.[8]

Аз ин шаш навъ ҷудоӣ панҷ навъи он фасх ва як навъаш – ҷудоӣ дар ийло – талоқ ба шумор меравад.

Ҷудои ба сабаби хулъ низ дар назди ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат ғайр аз ҳанбалиҳо талоқ ба ҳисоб меояд. ҷудоӣ ба сабаби хиёри ифоқа аз ҷунун, агар сарпарасти дигаре ғайр аз падар, бобӣ ва писар дар вақти беҳушӣ яке аз онҳоро ба никоҳ бароварда бошад, дар назди бузургони ҳанафӣ фасх ба шумор меравад.[9]

СИННИ БАЛОҒАТ

Булуғ ва ё балоғат дар истилоҳи фиқҳӣ ва дар асноди ҳуқуқӣ ба маънои расидан ба поёни синни хурдсолӣ ва оғози марҳалаи соҳибҳуқуқӣ аст. Он дар назди фақеҳон бо панҷ чиз ва ё аломат собит мешавад, ки се чизи он дар миёни духтарону писарон муштарак мебошанд ва ду аломати он танҳо ба занон хоссанд: а) эҳтилом шудан, б) рӯидани мӯи зери ноф, в) ҳайз дидан, г) ҳомила шудан ва д) ба синни балоғат расидан.

Ҳайз дидан ва ё ҳомила шудани духтарон

---

[1] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 3. – С. 269.

[2] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 3. – С. 269, 270.

[3] Дар хиёри булуғ писар ва ё духтар вақте ҳаққи эътироз дорад, ки ӯро сарпарасти дигаре ғайр аз падар ва падарбузург (бобӣ) пеш аз синни балоғат ба никоҳ бароварда бошад. Аммо дар сурате, ки онҳоро падар ва ё падарбузург ба никоҳ бароварда бошад, онҳо пас аз булуғ дигар ҳаққи эътирозе надоранд ва ҳамон ақди қаблӣ саҳеҳ аст.

[4] Дар сурати дуюм ва сеюм, вақте зан бе иҷозати валӣ ба нокуфв ва ё ба маҳри каме ба шавҳар баромада бошад, валӣ ва сарпарасти вай ҳаққи эътироз ва ба воситаи додгоҳ ҷудо сохтани ӯро дорад. Аммо вақте кор бо ҳамоҳангӣ ва иҷозати валии зан сурат гирифта бошад, дигар ҷое барои эътироз ва фасхи никоҳ боқӣ наемонад.

[5] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 269; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 176.

[6] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 4. – С. 176: ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 342.

Бояд қайд кард, ки ин ҳукм дар бораи кофири ҳарбӣ аст. Дар бораи кофири зиммӣ бошад, ҳамон гуна ки дар Радд (Ҷ. 4. – С. 176) омадааст, агар зан пас аз исломи мард аз қабули он ибо варзад, никоҳи онҳо ба ҳоли худ боқӣ мемонад.

[7] Вақте яке аз завҷайн бо харидан ва монанди он дар милки дигараш дохил шавад, яъне мамлуки вай гардад, мунофоти ду навъи милк – моликӣ ба вуҷуд меояд, яке милки никоҳ ва дигаре милки ямин. Бинобар ин, никоҳи онҳо қатъ ва бурида мегардад.

[8] Зайнуддин ибни Иброҳим ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Нуҷайми Ҳанафӣ, ал-Баҳру-р-роиқ, шарҳи Канзу-д-дақоиқ. – Ҷ. 3. – С. 175. - Бейрут.

[9] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 342.

аломати ба балоғат расидани онҳо мебошад ва дар ин амр дар байни фақеҳон ихтилофи назар вуҷуд надорад. Эҳтилом шудан низ яке аз аломатҳои дигари ба балоғат расидани ҷавонони дар синни рушд – духтар ва писар ҳар ду –мебошад ва дар он низ ҳеҷ гуна ихтилофи фиқҳие вуҷуд надорад.

Аммо дар бораи рӯидани мӯи зери ноф, ки оё бо он ба балоғат расидани шахс собит мешавад ё не, дар миёни фуқаҳои уммат ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ба қавли имом Молик (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва дар як қавл аз имом Шофеъӣ (рҳ) он аломати булуғ ба шумор меравад, вале дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) бо он шарьан чизе собит намешавад, яъне он аломати ба балоғат расидани навҷавон ба шумор намеравад.

Вақте ҳеҷ кадоме аз чаҳор аломати собитсозандаи ҳукми балоғат: а) эҳтилом шудан, б) ҳайз дидан, в) ҳомила гардидан ва г) рӯидани мӯи зери ноф (дар назди ҷумҳури имомон ғайр аз Абуҳанифа (рҳ)) дар шахс дида нашавад, он гоҳ ҳукми балоғати ӯ аз назари синну сол муайян сохта мешавад.

Синни балоғат барои духтару писар дар назди имом Молик (рҳ), имом Абуҳанифа (рҳ) ва дигар фақеҳон ҳабдаҳсолагӣ мебошад ва дар ривояти машҳур аз Абуҳанифа (рҳ) нуздаҳсолагӣ аст. Дар назди имом Авзоъӣ (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) бошад, балоғат барои ҳар ду ҷинс дар синни понздаҳсолагӣ собит мешавад. Зеро расули Худо (с) Абдуллоҳ ибни Умарро барои иштирок дар ҷиҳод дар ҷанги Хандақ дар синни понздаҳсолагӣ иҷозат дод, дар ҳоле ки ӯро дар ҷанги Уҳуд (як сол пеш), ки ҳанӯз чаҳордаҳсола буд, иҷозат надод.[1]

Балоғат дар назди Имомайн (имом Абуюсуф (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ)) ва дар як қавле аз имом Абуҳанифа (рҳ) барои духтару писар ҳар ду дар синни понздаҳсолагӣ собит мешавад ва дар мазҳаб фатво ба қавли онҳост.[2]

Шоёни зикр аст, ки бар асоси назароти машоихи мазҳаб барои зарфи умумии балоғат марҳалаи синнусолие муайян шудааст, ки марзи поёнии он барои писар синни дувоздаҳсолагӣ ва барои духтар нуҳсолагӣ ва марзи болои он барои писар синни ҳаждаҳсолагӣ ва барои духтар ҳабдаҳсолагӣ ба шумор меравад. Ба ин маъно, ки балоғат ба таври умумӣ метавонад дар писарон аз синни дувоздаҳсолагӣ ва дар духтарон аз синни нуҳсолагӣ шурӯъ гардад ва дар баъзе афрод давраи қабл аз булуғ то синни ҳабдаҳ ва ҳаждаҳ идома ёбад.[3]

Зеро бар асоси минтақаҳои ҷуғрофӣ, шароити иҷтимоӣ ва ҳамчунин хусусиятҳои фардӣ ва физиологии ашхоси гуногун давраи расиш ва синну соли балоғат дар ҳар шахсе аз шахси дигар фарқ мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин тафовутҳо фақеҳони киром барои марҳалаи умумии синну соли балоғат зарфи замониеро бо таъйини ҳадди поёнӣ ва болоии он дар назар гирифтаанд.

Аз он ҷо, ки ҷинси зан нисбат ба мард тезтар ба балоғат мерасад, синни умумии балоғат барои духтарон дар ҳадди поёнӣ се сол ва дар ҳадди болоӣ як сол пештар нисбат ба синни умумии балоғат барои писарон пешбинӣ шудааст.

Аҳаммияти мавзӯи балоғат дар фиқҳ ва ҳуқуқи исломӣ дар он аст, ки шахс пас расидан ба он марҳалаи синнусолӣ шарьан мавриди хитоби паёмҳои дин қарор мегирад, соҳибҳуқуқ мегардад ва тасарруфоти шахсиаш ва ҳмин тавр дигар аҳкоми шарьӣ дар ҳаққаш эътибори қонунӣ пайдо мекунанд. Мас., агар шахс ба синни балоғат нарасида бошад, талоқи вай воқеъ намешавад.

Пас аз расидан ба синни булуғ тағйироти умдае дар қобилияти зеҳнӣ, сохтори маърифатӣ, нузҷи равонӣ ва рушди ҷисмонии кӯдак ба вуҷуд меояд ва ба пояе аз камол мерасад, ки битавонад ба таври мустақил масъулиятҳоро ба дӯш гирад. Аз ин рӯ, пас аз он ба риояи арзишҳои эътиқодӣ ва барномаҳои амалии дин мукаллаф мегардад ва дар баробари тамоми муқаррароти шарьӣ: аҳкоми ҳуқуқӣ, ҷиноӣ, молӣ, иҷтимоӣ ва ғ. масъул дониста мешавад.

Ҳарчанд аз назари фиқҳӣ балоғат маноти таклиф аст, вале шарти сиҳҳати ибодатҳо ба шумор намеравад. Бинобар ин, намозу рӯза ва ҳаҷҷи кӯдаки ноболиғ вақте аҳли тамйиз шуда бошад, дуруст аст ва аҷри он барояш собит мегардад.

---

[1] Ваҳба Зуҳайлӣ, Тафсири ал-Мунир. – Ҷ. 2. – С. 590.

[2] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 6. – С. 451; Фатҳулқадир. – Ҷ. 9. – С. 276; Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 9. – С. 260.

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 6. – С. 452.

СИННИ ТАМЙИЗ – РУШДИ ФИКРӢ ПЕШ АЗ БАЛОҒАТ

Ногуфта намонад, ки шинохтани синни тамйиз низ, ки марҳалаи пеш аз балоғатро фаро мегирад, дорои аҳаммият аст ва шаръан баъзе аҳком ва масъулиятҳо дар он марҳала ба инсон тааллуқ мегиранд.

Тамйиз дар луғат ба маънои ҷудо кардан, фарқ гузоштан, ташхис намудан, бозшинохтан ва ғайра аст ва дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои рушди нерӯи зеҳнӣ ва ташаккули қобилияти ақлии наврас дар давраи пеш аз синни балоғат аст. Зеро қобилияти зеҳнӣ, фаросат, шуур ва нерӯи басират дар баъзе наврасон хеле барвақт рушд мекунад ва қабл аз расидан ба синни балоғат боақлу фаросат мегарданд. Ин синну солро синни тамйиз ва бачаҳо ва ё кӯдакони бофаросатро дар ин синну сол мумаййиз мегӯянд.

Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти давраи ҳаждаҳуми худ, ки дар таърихи 24-29 моҳи ҷимодалохири соли 1428 ҳичрӣ мувофиқ ба 9-14 моҳи июли соли 2007 дар шаҳри Бутроҷояи кишвари Малайзия баргузор гардид, пас аз баррасии масъалаи муайян сохтани синни булуғ ва таъсири он дар боби таклиф дар таъйини синни тамйиз ва синни балоғат қарори зеринро ба тасвиб расонд:

1. Синни тамйиз, ки марҳалаи пеш аз булуғро дар бар мегирад, аз ҳафтсолагӣ шурӯъ мешавад ва тасарруфоти касе, ки ба синни тамйиз нарасида бошад, шаръан эътибор надоранд. Аммо тасарруфоти молии кӯдаки мумаййиз ба се қисм ҷудо мешаванд: а) тасарруфоте, ки фоидаи соф биоваранд, ин тасарруфоти вай саҳеҳ ва нофиз ҳастанд, б) тасарруфоте, ки ба нафъу зарар омехта бошанд, ин тасарруфоташ ба иҷозати валӣ ва сарпарасташ мавқуф мебошанд ва в) сеюм он тасарруфоте ҳастанд, ки зарари маҳз дошта бошанд, ин қисм тасарруфоташ шаръан эътиборе надоранд.

2. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки расиш (булуғ) ба рушди ҷисмонӣ ва расидани шахс ба марҳалаи синнусолие иртибот дорад, ки дар он нерӯи зеҳнӣ ва қобилияти идрокаш ба камол мерасад, пас булуғи табиӣ дар масоили таклиф ба ибодатҳо ё бо зуҳури нишонаҳое, ки ба он далолат мекунанд ва ё бо рушди синну солӣ собит мешавад, ки он бо пур шудани понздаҳсолагӣ аст. Аммо дар боби тасарруфоти молӣ ва (субути аҳкоми) ҷиноӣ валии амр синни муносиберо барои булуғ муайян менамояд.

3. Ба иҷро баровардани ҷазои ҳад ва ё қисос бар ноболиғ ҷоиз нест, вале таъдиб ва таъзири ӯ бо ҷазоҳое, ки ба марҳалаи синнусолиаш мунносиб бошанд, ҷоиз аст.

4. Аз ноболиғ ҷавобгариҳои молӣ, ба монанди замонати талафдодаҳо ва пардохти диятҳо, ҳамон гуна ки дар шаръ муқаррар гардидааст, ба ҳеҷ ваҷҳ соқит намешаванд.[1]

[1] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори рақами 167 (6/18). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 794, 795.

Фасли панҷум

ИЙЛО

Ийло, ило, эло إِيلَاء, дар луғат ба маънои додан, бахшидан, наздик сохтан ва савганд ёд кардан ва дар истилоҳи шаръ ба маънои савганд хӯрдан бар тарки мубошарат (наздикӣ ва ҳамбистарӣ) бо зани худ ба муддати чаҳор моҳ ё бештар аз он аст. Ийло назди фуқаҳои ҳанафӣ ва дар баъзе бандҳо назди ҷумҳури фуқаҳо вақте воқеъ мешавад, ки дар он ба зот, ном ё яке аз сифоти Худованд савганд хӯрда шавад ё ба шарт ва амре, ки дар он бар нафс машаққат аст, муаллақ – вобаста гардонида шавад ва дар он муддати чаҳор моҳ ё бештар аз он зикр гардад ё ба таври мутлақ – бе зикри замоне оварда шавад. Пас агар мард бар тарки мубошарати ҳамсараш ба ғайри ном ё яке аз сифоти Худованд, ба мисли паёмбар (с) ё фалонӣ савгард хӯрад ё муддати камтар аз чаҳор моҳро зикр кунад ё онро ба коре таълиқ кунад, ки дар он машақате бар нафс набошад, ба мисли ду ракъат намоз гузоридан ё мискинеро таом додан, дар тамоми ин суратҳо он ийло набошад, балки қасами лағв аст, магар дар савганд ба ном ё яке аз сифоти Худо ва зикри муддати камтар аз чаҳор моҳ, ки он савганди шаръан муътабар аст ва бо шикастани он ҳонис ва каффорааш бар вай воҷиб мегардад. Ҳамчунин агар бе ҳеҷ савганд ва узре ба муддати чаҳор моҳ ё бештар аз он ба ҳамсараш наздикӣ накунад, он низ ийло ба маънои истилоҳиаш ба шумор намеравад, балки муносибати бад ба ҳисоб меравад.

Ийло аз расмҳои даврони ҷоҳилият буд, вақте марде ҳамсарашро бад медид ё бар вай хашм мегирифт, барои озор додани вай савганд мехӯрд, ки дигар ба муддати як сол, ду сол ё абадан ба ӯ наздикӣ намекунад ва бо ҳамин ӯро бе сарнавишт раҳо мекард. Зан дигар муаллақ мемонд, на ба никоҳи шавҳари қаблиаш бар ва аз ҳуқуқи заношавҳарӣ баҳравар мегашт ва на метавонист ба хонаи падараш баргардад ва сарнавишти наверо дар пеш гирад. Ислом ин расми золимонаро бекор, барои он муддате муайян ва онро ба сурати муҷозоте барои кирдори мард ба низом даровард. Бино ба фармудаи Қуръон:

لِّلَّذِينَ يُؤْلُونَ مِن نِّسَآئِهِمْ تَرَبُّصُ أَرْبَعَةِ
أَشْهُرٍ ۖ فَإِن فَآءُو فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٢٦﴾
وَإِنْ عَزَمُوا۟ ٱلطَّلَٰقَ فَإِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٌ

«Барои онҳое, ки аз (наздикӣ бо**) занони худ савганд мехӯранд, чаҳор моҳ интизор кашидан аст. Агар** (дар ин муддат ба сӯи занони худ) **бозгаштанд, пас** (бидонанд, ки) **Худо омурзандаи меҳрубон аст. Вале агар** (бо он) **азми талоқ намоянд** (ва дигар ба сӯи онҳо бознгарданд), **пас Худо шунавову доно аст»** (Бақара, 2: 226–227), дигар касе бар тарки наздикӣ бо ҳамсари худ савганд хӯрад, бояд сарнавишти ӯро дар муддати чаҳор моҳ муайян намояд: ё бояд аз савгандаш боз гардад ва ҳаққи ҳамбистарӣ бо ҳамсарашро ба ҷой оварад ё ӯро талоқ намояд. Агар дар ин муддат ба ҳаёти якҷоя бо вай бозгардад, никоҳ ва зиндагонии онҳо ба ҳамон ҳолати қаблӣ идома меёбад ва барои шикастани савгандаш каффорате бар вай воҷиб мегардад. Вале агар бо ин кораш қасди талоқи ҳамсарашро дошта бошад, Худованд сарнавишти ӯро муайян намудааст, вай пас аз гузашти чаҳор моҳ худ ба худ талоқ мегардад ва талоқ дар ин маврид талоқи боин мебошад.

Ийло ба ин шакл дар маҷмӯаи қонунгузории исломӣ асосан барои ҳимояи занон аз зулму ситам, муносибатҳои зӯроварона ва бадрафтории

шавҳаронашон ба вуҷуд оварда шуда ва Худованд ба ин тариқ хашм ва нохушнудии худро аз рафтори чунин одамоне эълон намудаст.

1. Барои сиҳҳати вуқӯи ийло, ба мисли талоқ, лафзҳои сареҳ ва киноя вуҷуд доранд ва он бо ибораҳои далолаткунанда бар савганди муваққат ё муаббад (ҳамешагӣ) ифода меёбад. Вақте шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: «Ба Худо қасам, чаҳор моҳ бо ту наздикӣ намекунам», он ийлои муваққат аст, агар дар муддати чаҳор моҳ бо ӯ наздикӣ кунад, ҳонис (савгандшикаста) ва каффорати шикастани қасам бар вай воҷиб мешавад ва бо ҳамин ийло аз байн меравад. Агар дар муддати чаҳор моҳ бо занаш наздикӣ накунад, бо гузашти чаҳор моҳ занаш як талоқи боин мешавад. Дар ин сурат агар ба идомаи зиндагии заношавҳарӣ алоқаманд бошанд, он бояд бо ақди нав сурат гирад.

Аммо агар шахсе савганд ёд кунад, ки ҳаргиз бо зани худ наздикӣ намекунад, бо он ийлои муаббад воқеъ мешавад ва он то ба поён расидани як давраи комили ҳаққи талоқ идома меёбад. Дар ийлои муаббад низ агар дар муддати чаҳор моҳ ба занаш наздикӣ кунад, ҳонис мегардад, бар вай каффорати ийло воҷиб мешавад ва ийло бекор мегардад. Агар дар он муддат ба вай бозгашт ё наздикӣ накунад, занаш як талоқи боин мегардад ва ҳар боре ӯро ба никоҳаш дароварад, ҳукми ийло ҳамчунон ба қуввати худ боқист. Пас аз талоқи сеюм ва ба шавҳари дигар баромадани зан, агар дар миёни онҳо бозгаште сурат гирад, ҳукми он ийло дигар дар ҳаққи онҳо ҷорӣ намегардад, вале савганд пас аз се талоқ низ ҳамчунон ба қуввати худ боқист. Дар сурате ки зан пас аз се талоқ шудан бо марди дигаре ба шавҳар барояд, шавҳари баъдӣ вайро талоқ кунад ва бо шавҳари якум ақд барқарор намояд, ҳамин ки бо вай наздикӣ кард, мард ҳонис ва бар вай каффорат воҷиб мегардад, зеро савгандаш муаббад буд, вале агар миёни эшон то чаҳор моҳ наздикие сурат нагирад, дигар ийло воқеъ намешавад, зеро ақд таҷдид шудааст.

2. Тибқи таърифи ийло шахсе савганд ёд кунад, ки ба муддати камтар аз чаҳор моҳ бо зани худ наздикӣ намекунад, он савганд ба шумор меравад, на ийло ва агар дар муддати муайяншуда бо вай ҳамхобагӣ намояд, каффорати шикастани қасам бар вай воҷиб мегардад, агар он муддат гузарад ва мард ба муддати чаҳор моҳ бо ҳамсараш наздикӣ накунад ҳам, ийло воқеъ намешавад.

3. Ийло вақте собит мешавад, ки зан дар қайди никоҳи мулӣ –ийлокунанда бошад ё дар иддаи талоқи раҷъӣ ба сар барад. Агар шахсе ҳамсари худро талоқи боин намояд ва баъд аз он ийло кунад, он собит намешавад, яъне ийло ба он намепайвандад. Бинобар ин, агар пас аз никоҳи нав бо вай наздикӣ намояд, каффорати шикастани қасам бар вай воҷиб мегардад ва ийло собит намешавад. Аммо касе ҳамсари худро талоқи раҷъӣ ва баъд аз он ийло намояд, он собит мешавад, яъне ба он мепайвандад ва дар сурате ба мулки худ руҷӯъ кард ва то гузаштани чаҳор моҳ ба ҳамсараш ҳамхобагӣ анҷом надод, талоқи боин воқеъ мешавад, яъне талоқи раҷъӣ ба боин табдил мешавад. Аммо агар пас аз руҷӯъ дар муддати ийло бо вай наздикӣ намояд, бояд каффорати шикастани қасамро бидиҳад.

Шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Агар бо ту наздикӣ намоям, талоқӣ»* бо ин гуфта ийло собит мешавад. Агар бо занаш наздикӣ намояд, талоқи раҷъӣ воқеъ ва каффорати қасам воҷиб мешавад. Агар дар ин муддат наздикӣ нанамояд, ийло собит гашта, талоқи боин воқеъ мешавад.

4. Ийло бо савганд ба корҳое, ки дар онҳо бар шахс навъе машаққат вуҷуд дошта бошад, собит мешавад, ба мисли ин ки шахсе ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Агар бо ту наздикӣ намоям, ҳаҷҷи хонаи Каъба бар ман лозим бод»* ё як моҳ рӯза ё хайр намудани чанд миқдор пул ё қурбонӣ кардан, бо тамоми ин гуфтаҳо ийло собит мешавад.

Шахсе ба ҳамсари худ гуфт: *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, маҳкамаи (додгоҳ) шаръ бояд ӯро аз нияташ бипурсад. Агар гуфт: Қасди дурӯғ гуфтанро доштам, гуфтаи вай дурӯғ ба шумор рафта, ҳеҷ чизе воқеъ намешавад. Аммо агар гуфт: Қасдам талоқ буд, як талоқи боин воқеъ мешавад. Агар нияти се талоқро дошта бошад, се талоқ воқеъ мешавад.

Агар гӯяд иродаи зиҳорро доштам, зиҳор бошад ва агар гӯяд иродаи ҳаром будanro доштам ё ҳеҷ иродае надоштам, ин гуфта қасам ва ийло аст. Дар сурате ки пеш аз гузашти чаҳор моҳ, бо занаш наздикӣ намояд, каффорати қа-

сам бар вай воҷиб мегардад, вале агар наздикӣ нанамояд, бо гузаштани чаҳор моҳ як талоқи боин воқеъ мешавад.

Дар китоби «Фатовои шомӣ» баён шудааст, ки агар шахсе бе ҳеҷ нияте ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, як талоқи боин воқеъ мешавад, зеро дар урфи мардум ин калима барои талоқ ба кор бурда мешавад.

ХУЛЪ

Хулъ дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои поён бахшидан ба ҳукми робитаҳои заношавҳарӣ дар ивази моле мебошад, ки зан ба шавҳар медиҳад.

Вақте дар миёни зану шавҳар зиндагии мусолиматомез номумкин гашт, сафову самимияти зиндагӣ дар канори ҳам боқӣ намонд ва ҷои онро бими ба зери по рафтани ҳуқуқҳои шаръӣ фаро гирифт, вале бо вуҷуди ин ҳама, шавҳар ҳозир (омода) набошад занашро талоқ намояд, зан метавонад маблағе ба шавҳараш бипардозад ва ё агар маҳри худро дарёфт (қабз) накарда бошад, онро ба шавҳараш бибахшад ва шавҳар дар ивази он ӯро талоқ намояд. Анҷом гирифтани кор ба ин суратро хулъ меноманд, яъне зан ба василаи он маблағ ресмони қайди заношӯиро аз гарданаш берун меоварад.

Хулъ аслан вақте сурат мегирад, ки носозгорӣ аз ҷониби зан бошад. Ба ин маъно, ки зан бо сабабе шавҳарашро бад бинад ва идомаи зиндагиро бо ӯ нахоҳад ва ё худро аз бадрафторӣ ва ҷавру ситами шавҳараш халос кардан хоҳад, роҳи дастёбӣ ба он хулъ ва мусолиҳаи молӣ мебошад.

Дини ислом дар маҷмӯаи қонунгузории хонаводагии худ ин ҷанбаи ҳаёти муштараки марду занро низ зери пӯшиши аҳкоми худ қарор додааст ва нагузоштааст, ки зан бо вуҷуди кароҳияте, ки нисбат ба шавҳараш дорад, то поёни умр бисӯзад ва ё як умр ба бадрафторӣ ва муносибати бади шавҳараш тоб оварад, балки пас аз бетаъсир мондани тамоми чораҳои ислоҳӣ ба вай ҳақ додааст, ки худро аз тариқи хулъ аз он вазъ бираҳонад.

Аз сӯи дигар, он маблағ дар ивази он ранҷҳо ва заҳамоте мебошад, ки мард дар бинои хонавода мутаҳаммил гаштааст.

Бар ҳамин асос, ислом дар баробари ҳаққи талоқ, ки аз ҷумлаи салоҳиятҳои мард мебошад, асли хулъро поягузорӣ намуда ва онро дар ҳавзаи салоҳиятҳои зан қарор додааст. Ба ҳар сурат, қабул шудани пешниҳоди зан аз ҷониби мард барои дуруст гардидани хулъ шарт дониста шудааст.

Асли ҳуқуқии хулъ бо китоби Худо собит шудааст. Қуръони карим мефармояд:

فَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِ
فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِمَا فِيمَا ٱفْتَدَتْ بِهِۦ

«Агар аз он хавф дошта бошед, ки онҳо (зану шавҳар) ҳудуд (ва аҳком)-и Худоро (дар миёни худ) барпо намедоранд, пас дар он чи зан (барои ҷудоӣ аз шавҳараш) ба вай пардохт намояд, бар онҳо гуноҳе нест».[1]

Ривоят шудааст, ки: *«Ҳамсари Собит ибни Қайс ба расули Худо (с) гуфт: Эй расули Худо (с), ман дар дину ахлоқи шавҳарам ҳеҷ айб ва норасоие надидаам, аммо намехоҳам пас аз мусулмон шудан бори дигар ба куфр баргардам, (яъне ӯро дӯст намедорам ва намехоҳам бо вай зиндагӣ кунам). Расули Худо (с) фармуд:* ***Оё метавонӣ он боғеро, ки (ба унвони маҳр) ба ту дода буд, ба ӯ бозгардонӣ?*** *Гуфт: Оре, (эй расули Худо (с)). Расули Худо (с) (он гоҳ ба Собит ибни Қайс) фармуд:* ***Боғатро бигир ва ӯро як талоқ кун»***.[2]

Хулъ барои зан мубодилаи молие ба шумор мервад, ки дар ивази он халосии худро аз қайди никоҳи шавҳараш ба даст меоварад. Барои дуруст гардидани хулъ ҳамон шартҳое, ки барои шахси талоқдиҳанда зарурат доштанд, ба эътибор гирифта мешаванд. ба ин маъно, ки хулъкунанда бояд оқилу болиғ ва бедор бошад. Аз кӯдак, девона ва шахси хобида хулъ саҳеҳ намешавад.

Ҳамчунин, барои ба расмият даромадани хулъ калимаҳои махсусе ба кор бурда мешвад, ки дар назди машоихи ҳанафӣ аз панҷ лафз иборат мебошанд: а) Туро хулъ намудам (холаътуки), б) туро аз худ ҷудо сохтам (боянту-

[1] Сураи Бақара, 2: 229.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 5273, 5274, 5275, 5276, 5277; Сунани Насоӣ, 3463.

ки), в) аз ту безорӣ (ва ҷудоӣ) гузидам (бораътуки), г) аз ту ҷудо шудам (форақтуки) ва д) туро ба ивази фалон маблағ талоқ намудам (таллақтуки ъало казо).

Зане ба шавҳари худ бигӯяд: *«Худро дар ивази маҳри худ хулъ намудам»* ва мард пас аз тарки он маҷлис ҷавоби мусбат диҳад, хулъ дуруст намегардад, зеро хулъ вобаста ба маҷлис аст. Ҳамин тавр, агар мард ба зани худ гуфт: *«Туро дар ивази маҳрат хулъ намудам»* ва зан пас аз он маҷлис қабул кард, хулъ воқеъ намешавад.

Хулъ ҳамон гуна ки дар ивази маблағи молӣ дуруст мешавад, дар ивази гузашт аз ҳуқуқҳо ва имтиёзоти зан бар шавҳараш ҷоиз мешавад.[1]

Дар сурате ки мард ба зани худ гуфт: *«Туро хулъ кардам»* ва зан ҳам дар ҷавоб гуфт: «Қабул кардам» ва сухане аз маблағ ба миён наомад, хулъ воқеъ мешавад ва тамоми ҳуқуқ ва имтиёзоте, ки зан бар зиммаи шавҳари худ дорад, ба истиснои (ғайри) нафақа дар айёми иддаи шаръӣ ва ҷои зист дар он рӯзҳо, дигар ҳама дар ивази хулъ қарор мегиранд ва ҳама соқит мегарданд. Агар дар ҷараёни хулъ зан аз ин ду чиз ҳам: а) нафақа дар муддати идда ва б) ҷои зист дар он муддат сарфи назар намояд, онҳо низ соқит мегарданд.

Қонуни аҳволи шахсии Сурия дар ин бора ба мазҳаби имом Абуҳанифа (рҳ) истинод намуда, дар моддаи 98 ва 99 мефармояд:

Моддаи 98: Вақте хулъ дар ивази моле ғайр аз маҳр сурат бигирад, адои он (бар зан) лозим мегардад ва тамоми ҳуқуқҳо, ба монанди маҳр ва нафақаи заношавҳарӣ аз зиммаи онҳо соқит мешаванд.

Моддаи 99: Вақте хулъкунандаҳо дар рафти хулъ аз чизе (мол ва ивази хулъ) ном набаранд ҳам, (хулъ саҳеҳ мешавад ва) ҳуқуқҳои ҳамдигар, ба монанди маҳр ва нафақаи заношавҳарӣ, аз зиммаи онҳо соқит мешаванд.[2]

Дар сурате мард ба зани худ бигӯяд: *«Туро дар ивази мас., ҳазор сӯм хулъ намудам»* ва зан ҳам қабул кард, маблағи муайяншуда бар вай воҷиб мегардад. Агар зан қаблан маҳри худро аз шавҳар дарёфт накарда бошад, маҳраш ҳам дар ивази хулъ қарор мегирад ва дигар наметавонад онро аз шавҳар талаб намояд.

Ба шарте носозгорӣ аз тарафи мард бошад, гирифтани пул барояш кароҳият дорад. Агар носозгорӣ аз тарафи зан ба амал ояд, аз миқдори маҳраш бештар гирифтан макрӯҳ мебошад, вале чун бештар гирифт, ҷоиз аст.

Талоқ ва ҷудоие, ки дар хулъ воқеъ мешавад, талоқи боин аст.

Агар мард ҳамсари худро маҷбуран ба хулъ водор созад, дар сурате зан ба он розӣ набошад ҳам, талоқ воқеъ мешавад, вале пардохти пул бар зан воҷиб намегардад. Дар ин вазъ агар мард ҳанӯз маҳри занро надода бошад, зан метавонад маҳри худро дархост ва дарёфт намояд.

Агар зан ба шавҳари худ бигӯяд: *«Дар ивази сесад сӯм маро се талоқ бидеҳ»,* мард як талоқ дод, сад сӯм бар вай лозим мешавад, агар ду талоқ дод, дусад сӯм ва агар се талоқ дод, сесад сӯм бар вай лозим мегардад ва дар тамоми ин суратҳо талоқи боин воқеъ мешавад.

Ҳарчанд ҷудоӣ бо хулъ аз назари мазҳаб талоқи боин ба шумор меравад, вале дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) дар муддати идда талоқи дигар ба талоқи қаблӣ мепайвандад. Аммо ба ҳар ҳол, мард дигар ҳаққи руҷӯъро ба вай бе ақди нав надорад.

ТАЛОҚИ МУБОРОТ

Талоқи муборот (безорӣ ва гузашт аз ҳуқуқҳои якдигар) ба монанди хулъ аст. Сураташ ин аст, ки зану шавҳар бо ҳам қарор мегузоранд, ки аз ҳуқуқҳое, ки дар натиҷаи никоҳ бар зиммаи якдигар собит шудааст, табарро (безорӣ ва гузашт) ва халосӣ менамоянд ва мард ба ҳамин унвон ӯро талоқ медиҳад. Мас., мард ба зани худ мегӯяд: *«Туро ба шарти он ки ҳарчи бар зиммаи якдигар аз бобати никоҳ дорем, соқит гардад, талоқ намудам»,* зан ҳам қабул кард, талоқ воқеъ мешавад.

[1] Дар ин ҷо манзур аз ҳуқуқҳо он ҳуқуқҳое мебошад, ки ба мавзӯи заношавҳарии онҳо бармегарданд, на қарзҳо, амонатҳо, молҳои тиҷоратӣ ва ғайра, ки ба ин мавзӯъ тааллуқе надоранд.

[2] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 485.

Фасли шашум

ЗИҲОР

Зиҳор ظهار, ба маънои якдигарро ёрӣ кардан, пуштибонӣ кардан, пушти ҳам истодан; ҳимоят, ёрӣ ва дар истилоҳи шаръ, ҳаром шудани зан бар шавҳараш, ҳангоме ки мард ӯро, бо истифода аз сиғаи безории зерин: Анти алайя казаҳри уммӣ – Ту бар ман ба мисли пушти модарам (ҳаром) ҳастӣ ё бошӣ!, ба яке аз маҳрамҳо, бахусус модари худ ташбеҳ кунад. Дар ин ҳолат зан бар вай ҳаром мегардад ва то қаффорат надиҳад, барояш ҳалол намешавад. Асли зиҳор дар шаръ он аст, ки мард ҳамсари худ ё ҷузъи асосие аз бадан ё узве аз ӯро ба пушт ё яке аз узвҳои маҳрамҳои абадиаш ташбеҳ кунад ва бигӯяд: Ту бар ман ба мисли пушти модарам ё хоҳарам ҳастӣ.

Зиҳор аз решаи заҳр «ظهر – пушт» баргирифта шуда, дар луғат масдари: Зоҳара-р-рачулу, ай қола ли завҷатиҳи: Анти алайя казаҳри уммӣ, ай анти алайя ҳаромун казаҳри уммӣ ва он киноя аз батн – шикам аст, ки ҷиҳати иҷтиноб аз зикри узве, ки ба шармгоҳ надик аст, аз он истифода шудааст.

Зиҳор асосан бо мақсади озор додани зан ва қатъи муносибатҳои заношавҳарӣ бо ӯ сурат мегирад ва яке аз ноадолатиҳои иҷтимоӣ ва муносибати бади шавҳар нисбат ба ҳамсари худ мебошад, ки дар ислом ҳаром ва назди баъзе фуқаҳо аз гуноҳони кабира дониста шудааст. Вақте мард ба ҳамсараш мегӯяд: «Ту ба ҷои ё ба мисли модарам ё хоҳарам бошӣ», дар ҳақиқат, сухани дурӯғ гуфта ва мақсади бадеро дар назар доштааст. Зеро ҳамсар ҳеҷ гоҳ барои шавҳар модар ё хоҳар намегардад:

ٱلَّذِينَ يُظَٰهِرُونَ مِنكُم مِّن نِّسَآئِهِم مَّا هُنَّ أُمَّهَٰتِهِمْ ۖ
إِنْ أُمَّهَٰتُهُمْ إِلَّا ٱلَّٰٓـِٔى وَلَدْنَهُمْ ۚ وَإِنَّهُمْ لَيَقُولُونَ مُنكَرًا
مِّنَ ٱلْقَوْلِ وَزُورًا ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَعَفُوٌّ غَفُورٌ ۝

«Касоне аз шумо, ки аз занонашон зиҳор мекунанд, онҳо модаронашон нестанд. модаронашон набошанд, магар онҳо, ки эшонро зодаанд ва онҳо дар ҳақиқат, сухани зишт ва дурӯғе мегӯянд ва Худо бешак, боафву омурзгор аст».[1]

وَمَا جَعَلَ أَزْوَٰجَكُمُ ٱلَّٰٓـِٔى تُظَٰهِرُونَ
مِنْهُنَّ أُمَّهَٰتِكُمْ

«Ва Худо ҳеҷ гоҳ он ҳамсаронатонро, ки аз онҳо зиҳор менамоед, модарони шумо нагардонидааст».[2]

Дар замони ҷоҳилият, вақте мард бар занаш хашм мегирифт, барои танбеҳ ва дар озори муаббад нигаҳ доштани вай, савганд мехӯрд ва ибораеро дар он ба кор мебурд, ки вай на ба таври куллӣ талоқ мегашт ва на ӯро ба никоҳаш бозмегардонд, ки яке аз ин расмҳо зиҳор буд. Зиҳор бар асоси расми он давра мӯҷиби таҳрими абадии зан бар шавҳараш буд ва он назди эшон талоқ ба шумор мерафт. Ислом барои ҳимояи ҳуқуқи занон ва пешгирӣ аз зарарҳои маънавӣ, равонӣ ва иҷтимоие, ки бар асоси ин расм ба зан мерасиданд, доираи онро маҳдуд, аҳком ва натоиҷашро ислоҳ намуд, яъне асли онро боқӣ гузошт, вале ҳукми онро аз таҳрими абадӣ ба таҳрими мавқут ба пардохти каффорат, ки ғайри зоилсозандаи никоҳ аст, табдил дод. Аммо аз он ҷо ки он сухани зишт ва бухтоне аст, ки шасх бо он сазовори муҷозот мегардад, онро сабаби лузуми каффорат бар шавҳар, дар сурати иродаи наздикӣ ба занаш, қарор дод. Ҳамчунин барои сиҳҳати вуқӯи он шартҳое муқаррар намуд.

[1] Сураи Мучодала, 58: 2
[2] Сураи Аҳзоб, 33: 4.

Асли зиҳор дар қонунгузории ислом барои ҳифзи каромати инсонӣ ва шаъну шарафи занон, пас аз ислоҳи шакл ва бахшидани моҳияти нав ба он, нигаҳ дошта шуд, то онҳо бе асос мавриди таъррузи забонӣ, бадхулқӣ ва сабукбории мардон қарор нагиранд. Он ба ин шакл навъе муҷозот ва танбеҳ ба рафтори ғайриахлоқии баъзе одамон нисбат ба ҳамсарони худ маҳсуб мешавад.

Аз он ҷо, ки ин муносибати шавҳар зарарҳои гуногуни маънавӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ба зан ворид месозад, дини мубини ислом доираи онро маҳдуд сохта, барои вуқӯъи он шартҳоеро муқаррар намудааст. Зиҳор дар назди ҷумҳури аҳли суннат (ғайр аз ҳанафиҳо) чаҳор рукн дорад: а) зиҳоркунанда (шавҳар), б) зиҳоршуда (ҳамсар), в) касе, ки ба вай ташбеҳ сурат мегирад (яке аз маҳрамҳои абадии мард) ва г) сиға ва ё ибораҳое, ки ба онҳо зиҳор воқеъ мешавад. Аммо дар мазҳаби ҳанафӣ рукни зиҳор танҳо аз сиғаи зиҳор ва ё лафзе иборат аст, ки бар зиҳор далолат намояд ва он сеи дигар тарафҳои онро ташкил медиҳанд. Дар фиқҳи исломӣ барои рукн ва тарафҳои сегонаи зиҳор шартҳое ихтисос ёфтааст, ки баъзе онҳоро бо ихтисор баён менамоем.

Барои шахси зиҳоркунанда ба таври умумӣ ҳамон шартҳое пешбинӣ шудаанд, ки вуҷуди онҳо дар шахси талоқдиҳанда дар боби талоқ шарт буд: **а)** оқил бошад, **б)** болиғ бошад, **в)** бедор ва ҳушёр бошад ва **г)** мусулмон бошад. Бинобар ин, зиҳор аз кӯдак, шахси девона, беҳуш, мадҳуш ва зиммӣ воқеъ намешавад. аммо аз шахси маст ва мукраҳ воқеъ мешавад.

Шартҳои вуқӯъи зиҳор дар шахсе, ки ҳамсарашро ба вай ташбеҳ менамояд (мушаббаҳун биҳ), иборатанд:

1. Аз ҷинси занон бошад. Бинобар ин, агар ҳамсарашро ба пушти хешовандони марди худ ташбеҳ созад, зиҳор воқеъ намешавад ва он сухани бекор мебошад. Мас., агар ба ҳамсараш бигӯяд: Ту бар ман ба мисли пушти падарам ва ё бародарам бошӣ, дар ин суратҳо зиҳор воқеъ намешавад.

2. Ҳукми зиҳор вақте собит мешавад, ки мард ҳамсари худро ба узве аз аъзои бадани яке аз маҳрамҳои абадиаш ташбеҳ намояд. Маҳрамҳои абадии мард се гурӯҳро дар бар мегиранд: а) модари марди зиҳоркунанда, б) хешовандони дорои қаробати насабиаш, ба монанди модаркалон (бибӣ), амма, хола, хоҳар ва ғайра, в) маҳрамҳои аз ғайри қаробати насабиаш, ба монанди модари разоӣ, хоҳарҳои разоӣ, модари зан ва ғайра.

Пас агар ҳамсарашро ба узве аз аъзои бадани яке аз маҳрамҳои муваққатиаш, ба монанди хоҳар ва ё аммаи занаш ташбеҳ намояд, зиҳор дар тамоми ин суратҳо воқеъ намешавад.

3. Ӯро ба он узве аз аъзои бадани маҳрамҳои абадиаш ташбеҳ намояд, ки нигаристани худаш ба он шаръан ҳаром аст, ба монанди пушт, шикам, рон ва ғайра. Бинобар ин, агар ҳамсарашро ба сар, рӯй, даст ва ё қадамҳои модараш ташбеҳ созад, дар ин суратҳо зиҳор воқеъ намешавад, зеро нигаристани ӯ ба ин узвҳои модараш дуруст мебошад.

Ин се шарт ба шахси зиҳоршуда тааллуқ доранд. Шартҳои дигари зиҳор дар китобҳои фиқҳ ба тафсил баён гардидаанд.

Ҳангоме мард ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ»*, зиҳор номида мешавад ва зан бар шавҳараш ҳаром мегардад, лафзи ҳаромро дар он оварда бошад, ба мисли: *«Ту бар ман ба мисли пушти модарам ҳаром ҳастӣ»* ё ба мисли ибораи фавқ наоварда бошад. Зеро ин аз лафзҳои сареҳи зиҳор аст ва назди Абуҳанифа (рҳ) дар тамоми ҳолатҳо, яъне ҳатто агар дар он нияти талоқ ва ийло карда бошад ҳам, бо он зиҳор воқеъ мешавад. То замоне ки мард каффорати зиҳорро надиҳад, бо занаш на наздикӣ карда метавонад ва на даст расонида, яъне то пардохти каффорати он, бар мард ҳамбистарӣ бо занаш ва даъвоъи (ангезандаҳо)-и он, ба мисли ламс (даст расонидан) ва бӯсидан, ҳаром аст, вале бо зани зиҳоршуда суҳбат кардани шавҳараш ишколе надорад. Агар пеш аз пардохти каффорат бо вай ҳамхобагӣ намояд, бояд аз Худо мағфират хоҳад ва аз он тавба кунад ва ба ҷуз он каффорат, чизе бар вай воҷиб намегардад.[1]

---

[1] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 250–251; Муҳити Бурҳонӣ. – Ҷ. 5. – С. 186–192.

Аз Ибни Аббос (рз) ривоят шудааст: Марде, ки аз занаш зиҳор ва пас аз он бо вай виқоъ (ҳамхобагӣ) карда буд, назди паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй расули Худо (с), ман аз занам зиҳор, сипас пеш аз додани каффорат бо вай ҳамхобагӣ кардам. Фармуд: ***«Худо раҳматат ку-***

Бо зиҳор намудани мард ҳамсараш талоқ намешавад ва баръакси ийло шариат барои он муддатеро низ муайян нафармудааст, балки то каффорате пардохт нанамояд, бозгашт ба сӯи ҳамсараш бар вай ҳаром мебошад.

Мақсад ё осори дунявие, ки аз назари шаръ ба зиҳор тааллуқ мегиранд, додани каффорат ва мақсад ё осори ухравии мутааллиқ ба он тавбаву истиғфор аз он аст.

Каффорати зиҳор бандаеро озод кардан ва касе он имконро наёбад, пас шаст рӯз паёпай рӯза гирифтан ва касе онро ҳам натавонад, пас шаст мискинро субҳу шом таом додан аст. Каффорат дар ду навъи аввал – озод кардани ғулом ва ду моҳ паёпай рӯза доштан бояд пеш аз ҳамхобагӣ анҷом гирад. Агар дар аснои гирифтани рӯза бо занаш наздикӣ намояд, бояд он ду моҳро аз сар бигирад, вале агар дар аснои таом додани мискинҳо наздикӣ намояд, боке надорад.

Қуръони карим дар бораи каффорати зиҳор мефармояд:

وَٱلَّذِينَ يُظَٰهِرُونَ مِن نِّسَآئِهِمْ ثُمَّ يَعُودُونَ لِمَا قَالُوا۟
فَتَحْرِيرُ رَقَبَةٍ مِّن قَبْلِ أَن يَتَمَآسَّا ۚ ذَٰلِكُمْ تُوعَظُونَ
بِهِۦ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ۝ فَمَن لَّمْ يَجِدْ فَصِيَامُ
شَهْرَيْنِ مُتَتَابِعَيْنِ مِن قَبْلِ أَن يَتَمَآسَّا ۖ فَمَن لَّمْ يَسْتَطِعْ
فَإِطْعَامُ سِتِّينَ مِسْكِينًا ۚ ذَٰلِكَ لِتُؤْمِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۚ
وَتِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ ۗ وَلِلْكَٰفِرِينَ عَذَابٌ أَلِيمٌ

«Ва касоне, ки аз занони худ зиҳор менамоянд, он гоҳ ба гуфтаи худ боз мегарданд, пас озод намудани гардан (ғулом)**-е пеш аз ҳамбистарӣ ва бо ҳам даст расонидан** (бар онҳо воҷиб аст)**. Бо ин (танбеҳи илоҳӣ) панд дода мешавед ва Худо ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст. Ва касе** (он имконро) **пайдо накард, пас ду моҳи паёпай пеш аз ҳамбистарӣ** (бар вай) **рӯза доштан аст ва касе онро низ натавонад, пас шаст мискинро таом додан аст. Ин барои он аст, ки ба Худо ва расули Ӯ имон биоваред ва инҳо** (ҳама) **ҳудуд** (ва муқаррарот)**-и Худованд мебошанд ва барои кофирон азоби дардноке аст»**.[1]

Шахсе ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ»* ва ба ин гуфтаи худ нияти талоқро дошта бошад, талоқ эътибор карда намешавад, балки зиҳор воқеъ мешавад.

Шахсе ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли шикам ё рон ва ё фарҷи модарам ҳастӣ»,* бо тамоми ин гуфтаҳо зиҳор воқеъ мешавад, ҳамчунин агар ин ташбеҳотро ба хоҳар ё амма ё хола ё модари разоии худ бидиҳад, ба ин сурат, ки ба занаш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли пушти хоҳарам мас., ҳастӣ»,* зиҳор воқеъ мешавад.

Агар марде ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли модарам ҳастӣ»*, бояд аз нияташ пурсида шавад. Зеро дар он узве аз маҳрам, ки назар кардан ба он ҳаром бошад, зикр нашудааст. Агар гуфт: муҳаббату каромат ва некиро дар назар доштам, яъне ҳамон гуна ки модарам ба ман муҳаббату каромат дорад, ту ҳам дорӣ, ҳеҷ ишколе надорад ва талоқе воқеъ намешавад. Агар гуфт: Иродаи зиҳорро доштам, зиҳор воқеъ мешавад ва агар гуфт, ки қасди талоқро доштам, талоқи боин воқеъ мешавад. аммо агар гуфт: «Ту ҳаромӣ ба мисли пушти модарам» ва талоқ ё зиҳор ё ийлоро ният кард, ҳамон чизе, ки ният кардааст, воқеъ мешавад. Агар чизе ният накарда бошад, назди Абуҳанифа (рҳ) ва Абуюсуф (рҳ) он лағв аст ва бо он чизе воқеъ намешавад, зеро имкони ҳамли он ба каромат вуҷуд дорад.

Шахсе ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли хун, хамр (шароб), хук, худмурда, ғи(й)бат, намима (суханчинӣ), зино, рибо, ришва (пора) ва қатли мусулмон ҳастӣ»*, агар бо ин гуфтаи худ нияти талоқро дошта бошад, талоқ ва агар нияти зиҳорро дошта бошад, зиҳор воқеъ ме-

над, чӣ чизе туро бар ин водошт!?» Гуфт: Дар партави моҳ халхол (ҳалқаи зевар, ки занон бар пой кунад)-и ӯро дидам. Фармуд: ***«Ба вай наздикӣ накун, то он чиро Худо ба он амрат кардааст, ба ҷой биоварӣ!»*** (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 250–251; Сунани Тирмизӣ, 1199). Ҳадиси ҳасан аст.

[1] Сураи Муҷодала, 58: 3, 4.

шавад[1] ва агар ҳеҷ нияте надошта бошад, чизе воқеъ намешавад,[2] вале бо ин гуфтораш гунаҳгор мегардад. Агар бигӯяд: *«Ту бар ман ба мисли модарам ҳаромӣ»* ва узве аз аъзои модарашро дар ин ташбеҳ зикр накунад, ҳар чизеро аз талоқ, зиҳор ва ё ийло ният карда бошад, ҳамон воқеъ мешавад, агар чизе ният накарда бошад, дар қавли Муҳаммад (рҳ) ва ба ривояте аз Абуҳанифа (рҳ) зиҳор воқеъ мешавад, вале дар ривояти Абуюсуф (рҳ) аз Абуҳанифа (рҳ) ийло воқеъ мешавад. Рофеъӣ дар Тақрироти худ овардааст: Хассоф (рҳ) зикр карда, ки саҳеҳ аз мазҳаби Абуҳанифа (рҳ) он аст, ки Муҳаммад (рҳ) гуфтааст.[3] Соҳиби Ихтисоррривоя ба нақл аз Ҷомеъи Қозихон овардааст: Саҳеҳтар он аст, ки дар ин сурат назди ҳамаашон (аиммаи сегона) зиҳор аст ва Тамуртошӣ низ зикр карда, ки он бе ҳеҷ хилофе зиҳор аст.[4]

Марде ба ҳамсари худ бигӯяд: *«Агар туро нигаҳ дорам, модари худро нигаҳ дошта бошам»* ва ё бигӯяд: *«Агар бо ту наздикӣ кунам, бо модари худ наздикӣ карда бошам»,* дар ин гуфтаҳо ҳеҷ чиз воқеъ намешавад.

Агар марде, бе ин ки калимаи «мисл»-ро ба кор барад, ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту модари ман ҳастӣ ва ё хоҳари ман ҳастӣ»,* дар ин сурат чизе воқеъ намешавад, вале зани худро чунин гуфтан барои мард гуноҳ ба бор меоварад.

Шахсе, ки чанд зан дошта бошад, дар сурате ба ҳамаи онҳо зиҳор кунад, бояд барои ҳар яки онҳо ҷудогона каффорат диҳад.

Шахсе калимоти зиҳорро нисбат ба занаш ба такрор гӯяд. Мас., чанд бор ба ҳамсараш бигӯяд: *«Ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ»,* ба шарте мақсадаш таъкид бошад, як каффорат лозим мегардад ва агар мақсудаш чанд зиҳор бошад, барои ҳар навбат каффорати ҷудогона лозим мешавад.

Агар шахсе дар зиҳор муддатеро муайян намояд, мас., ба ҳамсараш бигӯяд, ки муддати ду рӯз, ду моҳ ва ғ. ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ, дар ин сурат зиҳор дар ҳамон муддат эътибор пайдо мекунад. Агар пеш аз гузашти ду моҳ бо занаш ҳамхобагӣ намояд, зиҳор воқеъ мешавад ва бояд каффорати зиҳорро бидиҳад. Вале агар пас аз ду моҳ ҳамхобагӣ намояд, каффорате лозим намешавад.

Шахсе пас аз ба забон овардани калимаи зиҳор лафзи *«Иншоаллоҳ»*-ро ба он зам кунад, зиҳор воқеъ намешавад. Мас., гӯяд, ки: *«Ту бар ман мисли пушти модарам ҳастӣ, иншоаллоҳ»*.

Зиҳоркунанда низ бояд оқилу болиғ бошад, аз кӯдаку девона зиҳор воқеъ намешавад.

Зиҳор нахустин бор дар замони ислом миёни Авс ибни Сомит ва ҳамсараш Хавла бинти Саълаба иттифоқ афтод. Авс бар вай хашм гирифт ва бар асоси расми ҷоҳилият ба вай гуфт: Ту бар ман, ба мисли пушти модарам (ҳаром) ҳастӣ ё бошӣ!. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки фармуд: Бобаракат аст он Зоте, ки самъаш ҳама чизро фаро гирифтааст, ман бегумон, сухани Хавла духтари Саълабаро мешунавам ва баъзеаш бар ман пӯшида мемонад, вақте аз

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 127–128. Бар асоси тасҳеҳи соҳиби Радд дар мавридҳои зикршуда дар матн, агар мард нияти зиҳор карда бошад, зиҳор бо ин лафзҳо воқеъ намешавад, чуноне ба нақл аз Хония, Тоторхония ва Шурунбулолия овардааст.

[2] Дар Тоторхония овардааст: Агар ташбеҳ ба чизе ҳосил шавад, ки айни он ҳаром аст, ба монанди хамр, хук ва худмурда, пас ҳукми он ба мисли ҳукми қавли ӯ: *«Ту бар ман ҳаромӣ»* аст, бо ин тафовут, ки агар дар лафзи *«Ту бар ман ҳаромӣ»* чизе ният накарда бошад, бе ҳеҷ гуна хилофе миёни машоихи мазҳаб дар он ямин (савганд) воқеъ мешавад ва савганд дар боби талоқ назди фуқаҳо ийло аст. Аммо дар лафзҳои аввал агар чизе ният накарда бошад, пас миёни машоихи мазҳаб хилоф вуҷуд дорад, ки бо он ямин воқеъ мешавад ё не. (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 456). Дар ҷои дигар овардааст: Агар бигӯяд: Ту бар мисли худмурда, хун ва гӯшти хук ҳастӣ, аз нияташ пурсида мешавад. Агар дурӯғро ният карда бошад, ямин воқеъ намешавад ва агар талоқро ният карда бошад, пас қавл дар он ба мисли қавл дар ҳаром аст (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 452).

Дар Фатовои Хулоса омадааст: Дар лафзи *«Ту бар ман ҳаромӣ»*, мард аз нияташ пурсида мешавад. Агар нияти талоқ карда бошад, пурсида мешавад, ки чанд (талоқ)-ро ният кардаӣ!? Агар серо ният карда бошад, се талоқ воқеъ мешавад, агар якро ният карда бошад, як талоқи боин воқеъ мешавад ва агар ду талоқро ният карда бошад, он низ як талоқи боин аст (Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 447–448). Аз Ибни Масъуд (рз) ривоят шудааст, ки фармуд: Агар дар лафзи *«Ту бар ман ҳаромӣ»* ямине ният карда бошад, ямин аст, агар талоқро ният карда бошад, талоқ аст, ҳар чизе ният карда бошад, ҳамон воқеъ мешавад. Дар ривояти дигар аз ӯ омадааст: Агар талоқро ният накарда бошад, он ямин (ийло) аст (Поварақии Фатовои Тоторхония. – Ҷ. 4. – С. 447).

[3] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – С. 252: Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 128.

[4] Мухтасарулвиқоя маъа шарҳиҳи Ихтисоррривоя. – Ҷ. 1. – С. 416.

шавҳараш Авс ибни Сомит ба расули Худо (с) шикоят кард ва гуфт: *«Эй расули Худо, ҷавониамро хӯрд – тамом кард ва ҳарчи дар шикам доштам, барояш нисор кардам, то он ки синну солам ба пирӣ расид ва аз фарзанд бозмондам, аз ман зиҳор кард. Худоё, (аз ин кори шавҳарам) ба Ту шикоят мебарам!*. Ҳанӯз аз ҷояш наҷунбида буд, ки Ҷабраил оёти аввали сураи Муҷодаларо: **«Худо сухани он занеро, ки бо ту дар бораи шавҳараш муҷодала ва** (аз вай) **ба сӯи Аллоҳ шикоят мекунад ...»,** нозил кард.[1]

ЛИЪОН

Лиъон аз решаи «лаън» гирифта шудааст, ки дар луғат ***ба маънои рондан ва дур кардан аз раҳмати Худо*** мебошад. Пас лиъон ба маънои якдигарро лаънат гуфтан аст. Дар истилоҳи шариат лиъон иборат аст аз мурофиаи махсусе, ки дар чаҳорчӯби шаҳодатдиҳиҳои зану шавҳар бар зидди якдигар дар ҳолатҳои махсус ва ҳамроҳ бо лаънат сурат мегирад.

Ин мурофиа вақте баргузор мегардад, ки мард ҳамсари худро ба амали зино нисбат диҳад ва дар ин кор шоҳиде надошта бошад ва ё фарзандеро, ки аз ҳамсараш таваллуд шудааст, аз худ нафй намояд ва барои аз дигар кас буданаш шоҳиде надошта бошад. Зан низ ин даъво ва ё туҳмати шавҳарашро нисбат ба худ рад намояд. Дар ҳоле ки дигар на мард мехоҳад бо он зан зиндагонӣ кунад ва на зан мехоҳад обрӯи иҷтимоӣ ва каромати инсониаш дар ҷомеа хадшадор гардад.

Он гоҳ дар ҳузури додгоҳ мурофиаи лиъон баргузор мегардад. Зеро дар чунин ҳолат агар шоҳидон бинобар шароити муқаррарнамудаи шариат дар бораи зан ба ин кор шаҳодат медоданд, дигар ҳукми зинокории зан маълум буд. Агар мард бо ин ҳол гуноҳи ҳамсарашро мепӯшонд ва бо ҳаёти якҷояш бо он зан идома медод, имон ва диёнаташ ӯро ором намегузошт.

Агар мард пас аз ин даъво, ки барои исботи он натавонистааст шоҳиде пешниҳод намояд, ақибнишинӣ намояд ва дар мурофиаи лиъон ширкат наварзад, туҳматгор ба шумор рафта, ба ҳадди шаръии туҳмат кашида мешавад. Агар зан аз ширкат дар он худдорӣ намояд, ин кор ба маънои эътироф ба зино ба шумор меравад ва агар иштирок намояд, ҳайсияти иҷтимоӣ ва каромати инсонии худро дар пеши ҷомеа ҳифз менамояд. Ин аст хулосаи мурофиаи лиъон.

Ин дар ҳоле мебошад, ки мард пеш аз ин ба туҳматгарӣ ва беобрӯгардонӣ ва зан ба зинокорӣ ва тардоманӣ маъруф ва машҳур набошанд.

Вақте шахсе ҳамсари худро ба амали зишти зино нисбат диҳад, дар сурате ки зану шавҳар ҳар ду аҳли шаҳодат бошанд, яъне ғулом нестанд ва зан ҳам на аз он заноне аст, ки чунин гуфтугузорҳое дар барааш миёни мардум шоеъ ва ба як чунин тардомание шинохташуда аст, балки мардум ӯро ба иффату покизагӣ мешиносанд ва ё фарзанди навзоди занро аз худ нафй кунад, яъне ба худ мансуб надонад, чуноне ба зан бигӯяд: *«Ин фарзандат аз зино аст»,* дар ин ҳолат агар зан шавҳарашро ба муҳокимаи додгоҳ кашад, иштирок дар мурофиаи лиъон бар мард воҷиб аст.

ТАРИҚИ БАРГУЗОР НАМУДАНИ ЛИЪОН

Аввал мард дар ҳузури додгоҳ ва қозии маҳкама чаҳор бор мегӯяд *«Худоро ба ростии худ гувоҳ мегирам бар он чи ки ин занро ба он нисбат медиҳам».* Дар навбати панҷум мегӯяд: *«Лаънати Худой бар ман бод, агар дар он ки ин занро ба зино нисбат медиҳам, дурӯғгӯ бошам».* Баъд аз он зан ҳам чаҳор бор мегӯяд *«Худоро гувоҳ мегирам бар ин ки мард дар он чи маро ба он (зино) нисбат медиҳад, дурӯғгӯ аст»* ва дар мартабаи панҷум мегӯяд *«Ғазаби Худой бар ман бод, агар мард дар он чи маро ба он (зино) нисбат медиҳад, ростгӯ бошад».* Пас аз хотимаи маъракаи мулоъана ҳокими шаръ он зану шавҳарро аз якдигар ҷудо месозад.

Дар сурате мард пас аз нисбат додани судури ин амал ба зан аз ширкат дар лиъон худдорӣ варзад, ҳокими шаръ ба ҳабси ӯ ҳукм менамояд, то замоне ки ё дар саҳнаи лиъон ширкат кунад ва ё даъвои худро такзиб (рад) намояд, яъне бигӯяд, ки дурӯғ гуфтам. Дар ин ҳолат додгоҳи шаръ ба иҷрои ҳадди қазф ва ҷазои туҳмат дар ҳаққи мард дастур медиҳад.

[1] Сунани Ибни Моҷа, 2063.

Дар сурате ки мард ба лиъон ҳозир шавад, вале зан аз ширкат дар он худдорӣ намояд, додгоҳи шаръ ба ҳабси ӯ ҳукм менамояд, то замоне ки ё дар саҳнаи лиъони мард ҳозир гардад ва ё мардро дар он чӣ мегӯяд, тасдиқ намояд. Ба шарте аз лиъон имтиноъ варзад ва мардро тасдиқ намояд, зан зинокор ҳисоб гардида, ҳадди (ҷазо) зино дар бораш ба иҷро гузошта мешавад.

Пас аз баргузории мурофиаи лиъон додгоҳи шаръ онҳоро аз ҳам ҷудо месозад, ки он талоқи боин мебошад ва он марду зан дигар наметавонанд то абад бо ҳам бори дигар зиндагонии заношӯӣ барқарор созанд. Паёмбари ислом (с) фармудаанд: ***«Суннат дар ҳаққи зану шавҳари лиъонкунанда бар ин аст, ки пас аз лиъон аз ҳам ҷудо карда шаванд ва дигар ҳаргиз наметавонанд бо ҳам ҷамъ оянд ва бори дигар зану шавҳар шаванд)***».[1]

Аммо агар мард пас аз баргузории лиъон гуфтаҳои худро такзиб кунад, дар он сурат ҳадди қазф барояш ба мавриди иҷро гузошта шуда ва метавонанд аз сари нав бо ҳам издивоҷ намоянд. Ҳадди қазф ва ҷазои туҳматгарӣ ҳаштод тозиёна аст.

Пас аз иҷрои лиъон ва ҷудо сохтани додгоҳ миёни эшон, ба шарте мард гуфта бошад, ки фарзандат аз ман нест, фарзанд ба модар марбут дониста шуда, нисбаташ аз падар қатъ мегардад.

Аз Ибни Умар (рз) ривоят шудааст, ки: *«Марде аз паёмбар (с) пурсид: Эй расули Худо (с), агар яке аз мо зани худро дар ҳоли зино кардан (бо марде) бинад, чӣ кор бикунад? Агар (дар он бора) сухан бигӯяд, дар бораи кори бузурге сухан гуфтааст ва агар хомӯш биистад, низ бар кори бузурге хомӯш мондааст.*

Расули Худо (с) хомӯш монд ва ӯро чизе ҷавоб надод. Пас аз он он мард боз ба назди паёмбар (с) омад ва гуфт: Аз он чи туро пурсида будам, худам ба он гирифтор гаштам. Ин ҷо буд, ки Худованд ин оятҳои сураи «Нур»-ро дар бораи лиъон нозил фармуд:

«Ва касоне, ки ҳамсарони худро туҳмат менамоянд ва дар бораи он, ба ҷуз худ, шоҳидони дигаре надоранд, пас шаҳодати яке аз онҳо чаҳор бор ба Худо шаҳодат додан аст, ки вай, дар воқеъ, аз ростгӯён мебошад ва дар навбати панҷум мегӯяд, ки: Лаънати Худо бар вай агар (дар ин кор) аз дурӯғгӯён бошад.

Ва аз зан низ азобро дур месозад, ин ки чаҳор бор ба Худо шаҳодат диҳад, ки вай (мард), дар ҳақиқат, аз дурӯғгӯён аст ва дар навбати панҷум бигӯяд, ки: Ғазаби Худо бар вай агар мард (дар ин кор) аз ростгӯён бошад». (Сураи Нур, 24: 6-9).

Пас аз он паёмбар (с) он мардро фаро хонд ва ин оятҳоро бар вай тиловат намуд. Он гоҳ ӯро панд ва тазаккур дод ва хабар кард, ки азоби ин дунё аз азоби охират сабуктар аст. Он мард гуфт: Не, қасам ба он Худое, ки туро ба ҳақ фиристодааст, бар вай дурӯғ нагуфтаам.

Сипас занро фаро хонд ва ӯро панд ва тазаккур дод ва гуфт: Азоби ин дунё аз азоби охират сабуктар аст. Зан низ гуфт: Не, қасам ба он Худое, ки туро ба ҳақ фиристодааст, вай рост нагуфтааст. Он гоҳ аз мард шурӯъ кард ва вай чаҳор бор Худоро шоҳид гардонд, ки дар ин кор ростгӯ мебошад ва дар навбати панҷум гуфт: Лаънати Худо бар вай, агар дурӯғгӯ бошад.

Пас аз он занро ба лиъон фаро хонд ва вай (низ) чаҳор бор Худоро шоҳид гирифт, ки мард, дар ҳақиқат, (дар ин бора) дурӯғгӯ аст ва дар навбати панҷум афзуд, ки: Ғазаби Худо бар вай, агар мард (дар ин даъвояш) ростгӯ бошад.

Он гоҳ расули Худо (с) онҳоро аз ҳам ҷудо сохт».[2]

МАРДОНИ ИННИН

Ойини ислом ҳамаи нишебу фарозҳои зиндагонии инсонро ҳам дар ҳаёти фардӣ ва ҳам дар ҳаёти хонаводагӣ ва иҷтимоии ӯ зери пӯшиши аҳкоми худ қарор додааст. Бунёди хонаводаро бар асоси оромиш, муҳаббат ва раҳмат бино ниҳода ва ҳар чизе, ки ба ҳадафҳои олии бунёди хонавода ба гунае халал ворид намояд, аз он ҷилавгирӣ намудааст.

Яке аз ҳолатҳои ҷиддие, ки ба оромиши ҳаёти хонаводагӣ ва дилбастагиҳои дуҷонибаи зану шавҳар халал мерасонад, вуҷуд доштани бемориҳо, норасоиҳои ҷисмӣ ва айб (нақс)-ҳо дар яке аз онҳо мебошад. Албатта, манзури шариат аз ин бемориҳо ва айбҳо он норасоиҳое

[1] Сунани Абудовуд, 2250.

[2] Саҳеҳи Муслим, 3726 (1493)-4; Сунани Тирмизӣ, 1202, 3178; Сунани Насоӣ, 3473. Дар ин боб ривоятҳои зиёде аз роҳҳои гуногун собит шудааст.

мебошанд, ки таҳаммули онҳо дар ҳаёти заношавҳарӣ ва идомаи зиндагӣ дар ҳолати мавҷудияти онҳо имконнопазир аст.

Ин бемориҳо ва айбҳо аз назари коршиносони соҳаи фиқҳи исломӣ ба навъҳо ва сатҳҳои гуногун тақсимбандӣ ва ҷудо шудаанд. Баъзе аз онҳо танҳо ба ҷинси занон хос мебошанд, қисми дигараш ба мардон хос ҳастанд ва қисми сеюми онҳо муштарак ҳастанд, яъне гирифтор шудани ҳам мардон ва ҳам занон ба онҳо имкон дорад.

Аз назари ҷумҳури аҳли суннат зану шавҳар ҳар ду ҳаққи ҷудо шудан аз якдигарро дар чунин ҳолат доранд, вале аз назари машоих ва бузургони мазҳаби ҳанафӣ дар ин мавридҳо танҳо зан ҳаққи талаби ҷудоиро дорад ва мард бошад, соҳибихтиёр аст, метавонад аз вай ҷудо шавад ва ё бо ӯ зиндагии худро идома бахшад. Зеро ҳаққи талоқ дар ихтиёри ӯст.

1. *Бемориҳо, айбҳо ва норасоиҳое, ки ба мардон хос ҳастанд* ва ба ҳаёти солими заношавҳарӣ халал мерасонанд:

а) *Унна* *(ҳезӣ)* ва он дар истилоҳи фақҳ иборат аст аз нотавонии муошрати ҷинсӣ ва ҳамхобагӣ бо занон ки дар натиҷаи беморӣ, пирӣ, заъфи асабҳо, зарба хӯрдан дар камар ва ғайра ба вуҷуд меояд.

Иннин (ҳез) мардонеро мегӯянд, ки аз ҳамбистарӣ ва наздикӣ бо занони худ оҷизу нотавон бошанд, хоҳ он нотавонию аҷзи эшон бар асари сустии асабҳои эшон ба вуҷуд омада бошад ё аз рӯи бузургсолию фартутӣ ва ё аз ҷиҳати хурдии андоми ниҳон ва ғайра буда бошад.

Мард дар сурате аз ҳамхобагӣ бо занаш оҷиз ояд ва зан ба додгоҳи шаръ шикоят намояд, аз тарафи додгоҳ як сол ба мард муҳлат дода мешавад. Агар дар ин муддат тавонист тағйири мусбате дар вазъи худ эҷод намояд ва бо занаш наздикӣ кунад, хушо бар ҳолаш. Дар ғайри ин сурат додгоҳ онҳоро аз ҳам ҷудо месозад. Агар ҷониби зан хоҳони ин ҷудоӣ бошад, ҳукми додгоҳ ба манзалаи талоқи боин аст. Пас аз ҷудоӣ барои ба шавҳари дигар баромадан, гузаронидани муҳлати идда бар зан лозим аст.

Дар сурате зану шавҳар бар сари амали заношӯӣ бо ҳам ихтилоф дошта бошанд, ба гунае ки шавҳар сурат гирифтани амали заношӯиро даъво кунад ва зан бошад, ба анҷом нагирифтани он (яъне оҷизии мард) таъкид намояд, дар чунин вазъият бояд дониста шавад, агар зан қаблан шавҳардида бошад, мард барои тасдиқи ростии суханаш савганд ёд намояд ва бо ҳамин даъвояш эътибори худро пайдо мекунад, вале агар аз ёд намудани савганд худдорӣ намояд, ба вай ба муддати як сол, бо ҳамон тафсили гузашта, муҳлат дода мешавад.

Аммо агар зан бокира буда ва ин нахустин шавҳари ӯ бошад, дар ин ҳолат момоҳои мутахассис (ихтисосманд) занро муойинаи тиббӣ менамоянд. Вақте онҳо назар доданд, ки зан ҳанӯз бикр аст, як сол ба тафсили баёнгашта ба мард муҳлат дода мешавад.

Вале агар гуфтанд, ки амали заношӯӣ сурат гирифтааст, шавҳар пас аз ёд намудани савганд, тасдиқ карда мешавад ва дар сурати аз савганд худдорӣ намуданаш ба тартиби гузашта ба вай як сол муҳлат дода мешавад ва пас аз як сол мувофиқи натиҷаи мусбат ва ё манфии ба дастомада поёнии кор ҳалли худро меёбад.

б) *Ҷабб* *ва* он дар истилоҳи фиқҳ ба маънои бурида ва ё канда шудани олатҳои таносулии мард мебошад.

Ҳукми маҷбуб (марде, ки олатҳои таносулиаш бурида ва ё канда шудаанд) аз иннин фарқ дорад. Агар мард маҷбуб, яъне андоми ниҳонаш канда ва ё бурида шуда бошад ва зан идомаи заношӯиро бо вай бо он ҳол нахоҳад, додгоҳи шаръ дарҳол онҳоро аз ҳам ҷудо месозад ва ба мард ҳеҷ муҳлате намедиҳад. Зеро дар ин сурат дигар имкони беҳбудие барои мард вуҷуд надорад.

Ҷудоӣ ба сабаби унна (ҳезӣ) ба шарте эътибори шаръӣ пайдо мекунад ва зан ҳаққи талаби ҷудоиро дорад, ки мард пеш аз духул ва ҳамхобагӣ, яъне пеш аз издивоҷ ва ё ҳангоми бастани ақд иннин (ҳез) бошад, вале агар унна пас аз духул ва сурат гирифтани ҳамхобагӣ пайдо шуда бошад, зан ҳаққи талаби ҷудоиро надорад. Зеро ҳаққи талаби ҷудоӣ аз тарафи зан бо ҳамхобагӣ соқит мегардад.

в) *Хисо* ва он ба маънои гирифтан ва баровардани тухм (хоя)-ҳои мард, яъне ахта шудани ӯ аст, дар ҳоле ки олати таносулиаш боқӣ аст.

Агар хусяи (тухмҳои) мард низ қатъ (бурида ва ё канда) шуда бошад, додгоҳи шаръ як сол ба мард муҳлат медиҳад. Ба шарте дар ин муддат тавонад дар вазъи худ дигаргунии мусбате ба бор оварад ва ба муошрати заношавҳарӣ

ва ҳамбистарӣ қодир гардад, чи хубе, дар ғайри ин сурат, онҳо аз ҳам ҷудо сохта мешаванд.

Дар сурате ки пас аз баргузор шудани муҳокимаи додгоҳ ва дайн (маҳкум) гардидани мард бар нотавонии муошират ҷинсӣ ва амали заношӯӣ, боз зан идомаи ҳамзистӣ бо шавҳари худро баргузид, дигар ҳаққи даъвову шикоят аз дасти ӯ салб мегардад ва минбаъд наметавонад ба муқобили шавҳараш даъво барпо намояд.[1]

Ба шарте пас аз собит шудани ҳуҷҷат бар нотавонии мард аз анҷоми ҳамхобагӣ ва баромадани ҳукмномаи додгоҳ дар бораи ҷудоии онҳо боз дубора ба зиндагонии заношӯӣ тамоюл пайдо намуданд, метавонанд бо бастани ақди нав ба зиндагии худ идома диҳанд.

Дар айбҳои дигар, ба монанди песӣ, махавӣ, девонагӣ ва ғайра назари бузургони ҳанафӣ, ба ҷуз имом Муҳаммад (рҳ), он аст, ки на мард ва на зан ҳаққи талаби ҷудоиро ба сабаби онҳо надоранд. Аз назари ҷумҳури мазоҳиб ва ҳамин тавр имом Муҳаммад (рҳ) аз бузургони ҳанафӣ зан ҳаққи талаби ҷудоиро дар онҳо дорад. Вале фуқаҳо барои субути ҳаққи талаби фасх ба сабаби вуҷуди айб дар мард ду чизро шарт донистаанд:

а) Дар вақти бастани ақд аз айби мард огоҳ набошад. Агар дар вақти бастани ақд аз он хабардор бошад ва бо вуҷуди он ақди никоҳро баста бошад, дигар ҳаққи талаби фасхро надорад.

б) Агар пас аз бастани ақд аз он огоҳ шавад, ба он эътироз оварад ва пеш аз духул ва анҷоми ҳамхобагӣ ҷудоиро талаб намояд. Аммо агар эътирозе наоварад ва дар миёни онҳо ҳамхобагӣ сурат гирад, зан пас аз он дигар ҳаққи талаби ҷудоиро надорад. Албатта, зан ҳама вақт ҳаққи шикоят ва талаби беҳбудии муоширатро аз рӯи шавҳараш дорад, вале ҳаққи талаби ҷудоиро надорад.

Қонуни аҳволи шахсӣ дар Миср (моддаҳои 9-11) ва Сурия (моддаҳои 105-108) дар ин бора бо истинод ба мазҳаби ҳанафӣ ба тасвиб расидааст. Дар қонуни аҳволи шахсии Сурия омадааст:

Моддаи 105: Зан ҳаққи талаби ҷудоии худро аз шавҳараш дар ду ҳолати зерин дорад:

1. Вақте дар вай (мард) яке аз иллат (беморӣ)-ҳои монеи духул (унна, ҷаб ва хисо) вуҷуд дошта бошад, ба шарте зан аз онҳо солим бошад.

2. Вақте мард пас аз бастани ақд девона шавад.[2]

Моддаи 106: 1. Ҳаққи зан дар талаби ҷудоӣ бо айб (иллат)-ҳое, ки дар моддаи қаблӣ баён гардидаанд, вақте пеш аз ақди никоҳ онҳоро дониста бошад ё пас аз он ба онҳо розӣ шуда бошад, соқит мегардад.

2. Ҳаққи ҷудоӣ ба сабаби унна (ҳезӣ) ҳеҷ гоҳ соқит намешавад.

Моддаи 107: Вақте айбҳои зикршуда дар моддаи 105 заволпазир (табобатшаванда) набошанд, қозӣ завҷайнро дарҳол аз ҳам ҷудо месозад. Вале агар аз байн бурдани онҳо имкон дошта бошад, даъворо ба муддати муносибе, ки аз як сол таҷовуз накунад, ба таъхир меандозад. Вақте айби мазкур дар ин муддат низ аз байн наравад, онҳоро аз ҳам ҷудо месозад.

Моддаи 108: Ҷудоӣ ба сабаби иллат (беморӣ ва айб) талоқи боин ба шумор меравад.[3]

Дар қонуни аҳволи шахсии Сурия дар моддаҳои қаблӣ бо истинод ба мазҳаби ҳанафӣ се шарти дигар низ зикр шудааст:

а) Зан ҷудоиро дар мавридҳое, ки ҳақ дорад, талаб намояд ва илло ҷудоие сурат намегирад.

б) Зан аз айб (беморӣ)-ҳои ҷинсӣ ба монанди ратақ ва қаран, солим бошад.

в) Мард дар вақти талаби ҷудоӣ солим бошад. Агар ба беморие гирифтор бошад, то шифо ёфтанаш бояд интизор шуд, он гоҳ дар унна ва хисо ба муддати як сол муҳлат дода мешавад.[4]

Бинобар ин, агар зан бемаврид талаби ҷудоӣ намояд ё худаш ба айби дигаре, аз қабили ратақ ва қаран, гирифтор бошад ва ё мард дар ҳолати беморӣ бошад, даъвои ӯ рад карда мешавад.

г) ***Хунсое,*** ки ба ҳамсараш алоқаи ҷинсӣ барқарор карда натавонад, дар тамоми аҳком ба мисли иннин аст.[5]

2. ***Бемориҳо ва айбҳое, ки ба ҷинси занон хос мебошанд*** ва ба муошират ҷинсӣ ва равонди ҳаёти заношавҳарӣ халал мерасонанд:

---

[1] Фатҳулқадир. – Ҷ. 4. – С. 269.

[2] Чӣ тавре мушоҳида мешавад, дар қонуни аҳволи шахсии Сурия айби девонагӣ бар айбҳои сегонаи қаблӣ бинобар назари имом Муҳаммад (рҳ) илова шудааст.

[3] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 492.

[4] ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 7. – С. 498.

[5] Хунсо шахсе аст, ки ҳам олати таносулии мардона дорад, ҳам занона. Вақте яке аз узвҳои таносулиаш аз назари ҷисмонӣ инкишоф ёбад ва фаъолиятҳои физиологии худро анҷом диҳад, бар асоси он ба мард ва ё зан будани вай ҳукм карда мешавад.

а) ***Ратақ*** ва он ба маънои баста, яклухт ва бесӯрох будан аст. Ратақ дар занон он аст, ки даҳонаи берунии фарҷ хилқатан ба ҳам часпида ва бо ғадуди гӯштие ба сурате баста шудааст, ки муошират ҷинсиро номумкин месозад.

б) ***Қаран*** ва он гӯшт ва ё ғадуди гӯштие аст, ки ба сурати шохе дар фарҷи зан мебарояд ва ба муошират ҷинсии зану шавҳар монеъ мешавад.

в) ***Ифзо*** ва он ба ҳам расидан ва ё якҷоя шудани ҳар ду роҳ: роҳи олати таносулӣ ва мақъади зан мебошад, ки муошират ҷинсиро бенатиҷа мегардонад.

г) ***Истиҳоза*** ва он хунравии доимии зан мебошад. Истиҳоза он хунравиеро мегӯянд, ки ҳама вақт, яъне берун аз вақтҳои узри моҳона низ аз зан берун меояд.

3. ***Айбҳо ва бемориҳое, ки дар миёни марду зан муштарак мебошанд:***

а) ***Ҷунун ва ё девонагӣ***. Ҷунун ба маънои аз даст додани фаъолияти ақлӣ ва қобилияти дарку шуур мебошад.

б) ***Ҷузом*** ва он беморие мебошад, ки ба вайроншавии пӯсти бадан меанҷомад. Бемории ҷузомро ба забони мо махав (лепра) мегӯянд.

в) ***Барас*** ва он беморие мебошад, дар пӯсти бадан ба сурати нуқтаҳои сафед пайдо мешавад ва оҳиста-оҳиста ба дигар мавзеъҳои бадн сироят мекунад. Онро дар забони мо бемории сафедшавии пӯст ва ё пес (проказа) мегӯянд.

г) ***Фалаҷ*** ва он беморие мебошад, ки баъзе аъзои баданро шал месозад, яъне аз кор мебарорад. Ин беморӣ гоҳо ними бадан ва гоҳе тамоми баданро шал месозад, яъне аз кор мебарорад.

ғ) *Бемории дигаре низ* вуҷуд дорад, ки бар асари он дар аснои муошират ҷинсӣ пешоб ва ё ғоит намеистад, балки беирода мерезад.

Чӣ тавре гуфта шуд, дар натиҷаи номумкин гардидани муошират ҷинсӣ ва идомаи ҳамзистӣ аз назари ҷумҳури аҳли суннат марду зан ҳар ду ҳаққи талаби ҷудоӣ ва фасхро доранд, вале дар мазҳаби ҳанафӣ танҳо зан ҳаққи талаби фасх ва ҷудоиро дорад ва он ҳам дар се мавриди бо иттифоқи пешвоёни мазҳаб ва дар мавриди бемориҳои песӣ, махавӣ ва девонагӣ бинобар назари имом Муҳаммад (рҳ). Мард бошад, ихтиёр дорад, ки ё ҳамзистиро ҳамчунон бо вай идома диҳад ва ё ӯро талоқ намод. Зеро фасх (ҷудоӣ аз тарафи додгоҳ) ва талоқ аз якдигар фарқ доранд ва аҳком ва осори минбаъдаи онҳо низ аз ҳам тафовут доранд.

Пас бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (иҷмоъан), вақте зан беморӣ ва ё айбу норасоие дошта бошад, ба монанди ин ки ба барас (песӣ) ё ҷузом (махав) ва ё дигар бемориҳои табобатнопазир мубтало бошад ва ё девона бошад, шавҳар наметавонад якҷониба никоҳро фасх (ҷудо) намояд, ба ин маъно, ки он зани гирифторро аз маҳр маҳрум созад. Албатта, агар бо вай майлу рағбате надошта бошад, метавонад ӯро талоқ намояд, вале мард бояд тамоми маҳрро ба вай бипардозад.

Агар мард яке аз он се ҳолат: барас, ҷузом ва девонагӣ ва ё дигар бемориҳои табобатнопазирро дошта бошад ва зан хоҳони ҷудоӣ бошад, додгоҳи шаръ метавонад бо истинод ба назари имом Муҳаммад (рҳ) онҳоро аз ҳам ҷудо созад.

Дар ду ҳолати унна ва ҷабб фақеҳон иттифоқи назар доранд, ки дар ҳолати дуюм ба таври фаврӣ ва дар ҳолати якум пас аз муҳлат додани мард ба муддати як сол агар дар вазъи саломатиаш дигаргунӣ ва беҳбудие ҳосил нашавад ва зан ба ҷудоӣ аз вай исрор варзад, додгоҳ онҳоро аз ҳам ҷудо месозад.

Ривоят шудааст, ки: *«Зане ба назди Умар (рз) омад ва ба ӯ шикоят кард, ки шавҳараш ба вай наздикӣ намекунад. Умар он мардро ба муддати як сол муҳлат дод. Пас аз гузашти як сол вақте он мард натавонист бо ҳамсараш наздикӣ намояд, Умар ихтиёри он занро ба худаш дод ва вай ҷудоиро ихтиёр кард»*.[1]

Дар бораи ҳаққи ҷудоӣ дар дигар бемориҳо ва айбҳо фақеҳони киром марду зан ҳар дуро ба таҳаммулпазирӣ, нигаҳ доштани бунёди хонавода то ҳадди имкон, дурандешии дуҷониба ва роҳ надодан ба ҳар гуна шитобкорӣ тавсия менамоянд. Арзиши амалӣ ва дурнамои андешаҳои он бузургон имрӯз, ки илми тиб ба пешрафтҳои васеъ ва дастовардҳои густардае ноил гаштааст, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба хусус барои мусулмонон, ба хубӣ равшан гаштааст. Зеро бемориҳои зиёде, ки дар асрҳои гузашта табобатнопазир ба назар мерасиданд, имрӯз ба туфайли ин пешрафтҳо роҳи дармони худро ёфтаанд.

[1] Доктор Муҳаммад Ақла, Низому-л-усрати фи-л-ислом. – С. 239. – Аммон: Мактабату-р-рисолаи-л-ҳадиса, 2002.

БЕМОРИҲОИ ДАРМОННОПАЗИРИ АСР

Ҳамзамон бо пешрафти сареи илми тиб навъҳои гуногуни бемориҳое низ пайдо шудаанд, ки қисме аз онҳо ҳанӯз дармоннопазир боқӣ мондаанд. Ин бемориҳо аслан ба ду гурӯҳ ҷудо мешванд, ки дар сурати гирифтор гардидани мард ва ё зан ба онҳо, раванди ҳаёти муштараки заношавҳарӣ халалдор мешавад ва идомаи зиндагӣ барояшон номумкин мегардад.

1. ***Гурӯҳи аввал*** он бемориҳое мебошанд, ки вақте ҷисми одам ба онҳо гирифтор гардад, ногузир ӯро ба марг мерасонанд. Дар шумори ин бемориҳо дохил мешавад:

а) Бемории саратон. Ин беморӣ дар ибтидо дар як узви бадан пайдо мешавад ва дар марҳалаҳои баъдӣ вақте авҷ мегирад, ҷисмро ба лоғарӣ, беҳаракатӣ ва дар ниҳоят ба ҳалокат мерасонад. Шахси гирифтори бемории саратон дар давраи шиддати он аз ҳар гуна амали ҷисмонӣ, аз ҷумла муошрати ҷинсӣ оҷиз мегардад.

б) Бемории дил низ яке аз бемориҳои хатарнок мебошад, ки пас аз шиддат ҷисми одамро ниҳоят заъиф месозад ва ӯро аз одитарин ҳаракати ҷисмонӣ оҷиз мегардонад.

в) Бемориҳои вогир ва музмине, ки узвҳои асосии бадан, ба монанди ҷигар, гурда, тиҳол (испурз) ва ғайра ба он гирифтор мешаванд ва дар ниҳоят ҷисмро аз анҷоми вазифаҳои амалӣ ва ҳар гуна ҳаракат оҷиз месозанд.

2. Навъи дуюм бемориҳое ҳастанд, ки бештар дар натиҷаи муошрати номашрӯъи ҷинсӣ ва фоҳишагӣ ба вуҷуд меоянд:

а) Бемориии норасоии вируси масунияти бадан (ВИЧ) СПИД, ки дар ҷаҳон бо бемории Эйдз машҳур мебошад. Бадани инсон дар натиҷаи васлатҷӯиҳои номашрӯъи ҷинсӣ ва фоҳишагӣ қобилияти дифоӣ ва масунияти худро аз даст медиҳад ва гирифтори бемории вируси норасоии масунияти бадан (СПИД) мегардад ва дар зарфи чанд соле ба марги шахси гирифтори ин беморӣ меанҷомад, яъне тибби муосир ҳанӯз аз илоҷ ва дармони он оҷиз аст.

б) Бемории сӯзок. Ин беморӣ низ дар марҳалаҳои баъдӣ шиддат мегирад ва ба варами рӯдаҳо ва ҷигар, иҷҳоз (партоиш)-и ҳамл, бефарзандӣ ва оқибатҳои бади дигар мерасонад.

в) Бемории зӯҳрӣ (сифилис) низ аз ҷумлаи бемориҳои хатарнок барои ҳаёти инсон мебошад.

Ҳарчанд ин бемориҳо ҳанӯз аз ҷиҳати коркарди аҳком дар зимни сохтори фиқҳӣ марҳалаи мавзӯъбандии заруриро аз сар нагузаронидаанд, вале бар асоси ривоятҳое, ки аз имом Муҳаммад (рҳ) дар ин замина ворид шудаанд, агар мард ба яке аз бемориҳои зерин гирифтор бошад ва зан пас аз ақди никоҳ аз он огоҳ шавад ва идомаи зиндагии муштаракро бо ӯ нахоҳад, метавонад ба додгоҳ мурочиат намояд ва додгоҳи шаръ пас аз баррасӣ ва таҳқиқи мавзӯъ ва бо риояи шартҳое, ки дар боби унна зикр шудаанд, онҳоро аз ҳам ҷудо созад:

1) айбҳо ва бемориҳое, ба монанди девонагӣ ва бемориҳои вогир, бемориҳои дармоннопазири аср, ба монанди: СПИД (ВИЧ), саратон (рак) ва ҳамчунин фасоди ахлоқӣ ва фикрӣ, эътиёди (наркомании) илоҷнопазир ва ғайра.

2) фиреб хӯрдан дар вақти никоҳ, ба монанди ин ки айбу норасоиҳои ҷониби дигарро аз вай пӯшида доштанд, ба монанди кӯрӣ, карӣ, гунгӣ, шаллӣ ва монанди инҳо. Тадлис (пӯшонидани айб) ва фиребкорӣ бештар дар никоҳ ба тариқи ваколат ва он ҷое, ки зан шахсан ҳузур надошта бошад, иттифоқ меафтад ва вай дар чунин ҳолат ҳаққи ихтиёр – талаби ҷудоиро дорад.

Дар Дуррулмухтор ба нақл аз Баҳансӣ овардааст, ки агар зан ба марде ба ин шарт издивоҷ намояд, ки озод бошад ё суннӣ бошад ё ба пардохти маҳр ва нафақа қодир бошад ва ё фалонӣ писари фалонӣ бошад, вале пас аз бастани ақди никоҳ маълум шуд, ки бар хилофи гуфтаҳои ӯ будааст, вай ҳаққи хиёр – талаби ҷудоиро дорад.[1] Зеро мард дар он ҳолат бо вай куфв набудааст.

Агар мард ба чунин ҳолате афтад, яъне ба чунин зане гирифтор шавад, метавонад бе мурочиат ба додгоҳ аз ҳамсараш ҷудо шавад – ӯро талоқ намояд.

Аз назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) айбҳое, ки зан ба сабаби онҳо ҳаққи талаби ҷудоӣ аз шавҳарашро дорад, ба унна, ҷабб ва хисо маҳдуд мешаванд ва зоҳиран бинобар назари имом Муҳаммад (рҳ) песӣ, махавӣ ва ҷунун низ дар радифи онҳо қарор мегиранд, вале айбҳои дигарро шомил намешаванд.

Аммо бар асоси ривоятҳое, ки аз имом Му-

[1] Радду-л-муҳтор бар Дурр. – Ҷ. 5. – С. 179.

ҳаммад (рҳ) дар ин замина ворид шудаанд, зан дар тамоми айбҳое, ки ба ҳаёти заношавҳарӣ халал мерасонанд ва ё муошират ҷинсиро монеъ мешаванд ва ё ӯро дар ҳаёти хонаводагӣ ба нокуфве рӯбарӯ месозанд, ҳаққи талаби ҷудоиро дорад. Он ҳам ба шарте ки зан пеш аз бастани ақд аз он огоҳ набошад ва ё пас аз он вақте хабардор шуд, ба он эътироз оварад.

Дар Табйину-л-ҳақоиқ овардааст, ки имом Муҳаммад (рҳ) фармуд: «Агар дар мард айби фоҳиш (аз ҳадгузашта ва ҷиддӣ)-е вуҷуд дошта бошад, ки зан бо он ҳол тоқати зиндагиро бо вай надошта бошад, ҳаққи талаби ҷудоиро аз вай дорад. Зеро вай дар он ҳол ҳуқуқи муошират худро ба даст оварда наметавонад ва ин дар боби муошират ба монанди ҷабб ва унна аст.[1] Ибни Ҳумом дар Фатҳ овардааст, ки масъалаи хиёри фасх ба сабаби айбҳо дар байни саҳобаи киром (рз) аз масоили ихтилофӣ буда, ва қавли Муҳаммад (рҳ) зоҳиран дар ин бора роҷеҳтар аст.[2]

Чӣ тавре мебинем, дар ҳеҷ чое аз каломи онҳо ба издивоҷ бо одамони гирифтори ин бемориҳо тавсия нашудааст, зеро бадоҳатҳои ақлӣ аз шахс талаб менамоянд, ки набояд ҳаёти худро дучори чунин бесарнавиштӣ ва моҷарои пурмухотара намояд. Балки сухан дар бораи он аст, ки зане нодониста ба издивоҷи чунин бемороне дарояд ва пас аз бастани ақди никоҳ аз он хабардор шавад.

Ахиран баъзе маҳофили илмӣ ва маҷмаъҳои фиқҳӣ дар ҷаҳони ислом ба баррасии мавзӯъ пардохта, дар ин замина қарорҳо ва тавсияҳои муҳиммеро ба тасвиб расонидаанд. Аз ҷумла, Анҷумани фиқҳӣ-тиббӣ дар нишасти давраи шашуми худ, ки дар таърихи 23-25 моҳи ҷимодалохири соли 1414 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 6-8 моҳи декабри соли 1993 дар Кувайт баргузор гардид ва Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти давраи нуҳуми худ, ки дар таърихи 1-6 моҳи зулқаъдаи соли 1415 ҳиҷрӣ мувофиқ ба 1-6 моҳи феврали соли 1995 дар шаҳри Абузабии Имороти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, пас аз баррасии паҳлӯҳои тиббӣ ва фиқҳии бемории СПИД (ВИЧ) дар бораи талаби ҳаққи ҷудоӣ қарори зеринро ба тасвиб расониданд:

Зан ҳаққи талаби ҷудоӣ аз шавҳарро, ки гирифтори бемори вируси норасоии масуният бадан гардидааст, дорад. Зеро ин беморӣ (СПИД-ВИЧ) бемории сироятӣ буда, асосан аз тариқи алоқаи ҷинсӣ сироят мекунад.[3]

ҲУКМИ МАФҚУД ВА АҚИМ

1. Мафқуд дар истилоҳи фиқҳӣ касеро мегӯянд, ки аз шаҳри худ ғоиб гашта, зинда ва ё мурдани вай маълум набошад. Дар муддати ғиёби вай аз молу дороие, ки барҷо гузоштааст, бо ҳукми додгоҳ ба аҳлу аёлаш нафақа мешавад.

Дар сурати мафқуду-л-асар ва бедарак гаштани мард, ки дигар аз ӯ ҳеҷ гуна маълумот ва нишонае дар даст набошад, яъне мурда ва ё зинда будани вай маълум набошад, додгоҳ пас аз чаҳор сол ҳукми вафоти ӯро содир менамояд. Зан пас аз гузаштани иддаи вафот, ки чаҳор моҳу даҳ рӯз аст, метавонад ба шавҳар барояд.

Дар назди мутақаддимини мазҳаб бинобар ривоятҳои гуногуне, ки аз имом Абуҳанифа (рҳ) дар ин замина ворид гаштаанд, фақеҳон муҳлатҳои гуногунеро дар бораи муддати интизории зани шахси мафқуд зикр намудаанд. Замони интизории чунин зан дар ривояти Ҳасан ибни Зиёд аз имом Абуҳанифа (рҳ) ба муддати яксаду бист сол аз рӯзи таваллуди шавҳари мафқудаш, дар ривояти Абуюсуф ба муддати сад сол ва дар ривояте навад сол зикр гардидааст.

Ҳамчунин, назари дигаре дар ин бора вуҷуд дорад, ки муайян сохтани муддати интизории занро ба раъй ва салоҳдиди ҳоким вобаста медонад ва ин назарро беҳтарин вариантҳо дар масъалаи мафқуд донистаанд. Дар «Ҳидоя» гуфта шудааст: Ман муддати ҳафтод солро дар ин масъала аз ҳама муносибтар медонам. Аммо дар ривоятҳои зоҳири мазҳаб омадааст, ки муддати он бо марги ҳамасронаш муайян сохта мешавад.

Аммо аз он ҷо ки дар чунин ҳолат ҳуқуқи зан комилан зоеъ мегардад ва пас аз гузашти навад, сад ва ё саду бист сол дигар ниёзе барои

[1] Фахруддин Усмон ибни Алии Зайлаъӣ, Табйину-л-ҳақоиқ, шарҳи Канзу-д-дақоиқ. – Ҷ. 3 – С. 246. – Бейрут.

[2] Фатҳулқадир. – Ҷ. 3. – С. 242.

[3] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори рақами 90 (9/7). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Қарорҳо ва тавсияҳои Анҷумани фиқҳӣ-тиббӣ. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 611, 824.

талаби ҷудоӣ аз сӯи зан боқӣ наемонад, уламои мутааххир назари имом Молик (рҳ)-ро дар ин масъала мувофиқтар донистаанд.[1]

Ҳамчунин, ҳолати саломатӣ ва бемории шахси гумшуда, навъи сафар ва вазъияте, ки дар он гум шудааст, шаръан ба эътибор гирифта мешаванд.

2. ***Ақим*** ба мард ва зане гуфта мешавад, ки пас аз издивоҷ ва солҳо зиндагонии муштарак (якҷоя) фарзанд наёбанд.

Агар пас аз ташхиси духтур ва муойинаи тиббӣ уқм (бефарзандӣ) дар мард ташхис дода шавад, он мард дар ҳукми *иннин* дохил намешавад. Зеро иннин аз ҳамхобагӣ ва қудрати ҳамбистар шудан ба ҳамсараш оҷиз омада буд, вале ақим ба ҳамхобагӣ бо занаш қодир мебошад ва танҳо ин ки фарзанд намеёбад.

Дар ин сурат, агар зан ба идомаи зиндагӣ бо чунин марде ҳозир набошад, метавонад бо ҷалби ризояти шавҳар талоқи худро аз вай ба даст оварад, яъне дар ивази моле ва ё бо тариқае худро хулъ намояд.

3. ***Таъқим*** ба маънои бенасл (ақим) гардонидан аст ва дар истилоҳи роиҷи имрӯз ба маънои аз байн бурдани қобилияти насловарии мард ва ё зан ба воситаи амалияи ҷарроҳӣ ё бо тазриқи дору ва ғайра аст. Имрӯзҳо дар ҷаҳони муосир ду сиёсати ба ҳам мутазодди демографӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар кишварҳои ғарбӣ тайи чанд даҳаи ахир шумораи аҳолӣ ва сатҳи зоиш рӯ ба коҳиш ниҳодааст, дар ҳоле ки дар кишварҳои исломӣ ва баъзе кишварҳои дигари шарқӣ шумораи аҳолӣ бо суръат дар ҳоли афзоиш аст. Кишварҳои ғарбӣ, аз як сӯ, бо таҷдиди назар дар сиёсатҳои қаблии худ дар бораи рушди саршумори аҳолӣ, ба роҳ мондани барномаҳои нави демографӣ ва эътои имтиёзоти гуногуни молӣ, иҷтимоӣ ва гайра ба хонаводаҳои серфарзанд мехоҳанд аз сари нав фарҳанги насловарӣ ва серфарзандиро дар байни мардуми худ эҳё намоянд ва ба ин тартиб пеши роҳи коҳиши бошитоби аҳолиро бигиранд.

Аз сӯи дигар, дар кишварҳои исломӣ ба василаи таблиғоти пурҳаҷм, имконоти васеъи ятилоотӣ ва дигар васоили таъсиргузорӣ, ки дар ихтиёр доранд, барномаи танзими насл, фарҳанги камфарзандӣ ва тарҳҳои пешгирӣ аз афзоиши аҳолиро тарвиҷ менамоянд.

Ин тарҳҳо дар афкори баъзе давлатмардони кишварҳои мазкур то ҷое таъсир гузоштаанд, ки барои пешгирӣ аз рушди сареъи аҳолӣ барномаи таъқими баъзе оилаҳоро ба василаи анҷоми амалияҳои ҷарроҳӣ ва ё додани дорухое, ки қобилияти насловарио дар инсон аз байн мебаранд, ба роҳ мондаанд.

Аз он ҷо ки сарвати инсонӣ аз дидгоҳи ислом боарзиштарин сармоя дар миёни занҷираи офариниш ва беҳтарин боигарии уммат ба шумор меравад, ба ҳифзи он тавсия намуда, дар роҳи рушди пайвастаи он таълимоти арзандае бар ҷой гузоштааст.

Албатта, дар миқёси фардӣ, вақте зарурате, ба монанди бемории модар, пеш ояд ва ё барои нигаҳ доштани фосилаи муносиби байни давраҳои бордорӣ манъи бордорӣ ба тариқи азл ва ё бо корбурди воситаҳои тиббӣ, аз қабили бастани даҳони бачадон ва ғайра, шаръан ҷоиз аст. Вале ба роҳ мондани барномаи танзими насл ва ё баровардани қонуне дар сатҳи кишвар барои пешгирӣ аз насловарӣ бо мақосиди олии шариат мувофиқат намекунад.

Бар ҳамин асос, Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти давраи панҷуми худ, ки дар таърихи 1-6 моҳи ҷимодалулои соли 1409 ҳиҷрӣ мувофиқ ба 10-15 моҳи декабри соли 1988 дар Кувайт баргузор гардид, дар бораи танзими насл ва амалияи таъқим қарорҳои зеринро ба тасвиб расонд:

1. Баровардани қонуни умумие (дар сатҳи кишвар), ки ҳуқуқи завҷайнро дар фарзанддорӣ маҳдуд намояд, ҷоиз нест.

2. Аз байн бурдани қобилияти насловарӣ дар мард ва ё зан, ки ба номи таъқим шинохта мешавад, агар зарурате онро тақозо нанамояд, ҳаром аст. (Вале агар зарурате онро тақозо кунад), пас дар зимни меъёрҳои шариат ҷоиз мебошад.

[1] Дар Фатовои Баззозия гуфта шудааст: «Дар замони мо фатво ба қавли имом Молик аст». Зоҳидӣ гуфтаааст: Баъзе асҳоби мо дар зарурат ба қавли имом Молик фатво медиҳанд. Аз Қӯҳистонӣ ва Ибни Ваҳбон низ чунин ривоят шудааст. (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 6. – С. 357, 358).

Ин ибораҳо дар Ҳидояи шариф низ дар поварақии китоби «Мафқуд» ба таври комил зикр шудаанд ва тазаккуре бар он ба ин сурат илова гардидааст: ***Огоҳӣ***: Дар замони мо дар масъалаи зани шахси мафқуд бо ҳукми додгоҳи шаръ ба қавли имом Молик фатво дода мешавад». (Ҳидояи шариф. – Ҷ. 4. – С. 355, 356).

3. Ба таври муваққат гирифтани пеши роҳи бордорӣ барои дуртар намудани фосилаи миёни давраҳои бордорӣ ва ё ба муддати муайяне бо ризояти якдигар боздоштани он, вақте зарурати шаръан муътабаре онро тақозо кунад, ҷоиз аст ва он ҳам ба шарте ки зараре ба бор наоварад, василаи бакоррафта шаръан дуруст бошад ва бар ҷанини борафтода таҷовузе сурат нагирад.[1]

БОРДОРКУНИИ СУНЪӢ

Башарият ҳар андозае дар роҳи таъмини рафоҳи модӣ ва иктишофоти илмӣ пешрафт мекунад, ба ҳамон андоза мушкилоти зиндагӣ, талош дар роҳи дастовардҳои бештари моддӣ ва завқи танаввӯъхоҳӣ ҳаётро барои вай печидатар месозад. Ба таври табиӣ бо печидатар гаштани сохтори зиндагӣ масоиле низ ба вуҷуд меоянд, ки дар гузаштаҳо ба он шакл ё умуман, ба амал наомада буданд ва ё бо намои хурдтаре ба чашм мерасиданд. Яке аз чунин масоил дар ҷаҳони имрӯз бордоркунии сунъӣ мебошад, ки аз сӯи маҷлисҳои қонунбарории баъзе кишварҳо ба тасвиб расидааст.

Ин масъала ба он муҳтавое, ки имрӯз аз сӯи маҷлисҳои қонунгузории ин кишварҳо ба тасвиб расидааст ва ба он шакле, ки дар бемористонҳои махсус ва ё дар лаборатория (озмоишгоҳ)-ҳои тиббӣ ба роҳ монда шудааст, дар гузашта дар миёни мусулмонон ба таври амалӣ вуҷуд надошт, вале дар маҷмӯаи гаронмояи фиқҳи исломӣ ба шаклҳои одитари он ишора шудааст. Илова бар ин, он чи дар фиқҳи исломӣ дар ин хусус омадааст, аз он чи аз сӯи маҷлисҳои қонунгузории кишварҳои аврупоӣ дар ин бора ба тасвиб расидааст, моҳиятан фарқ дорад, зеро муҳимтарин мақсад ва асле, ки дар зимни қонунгузории исломӣ дар ин замина дар назар гирифта шудааст, ҳифзи аслу насаби фарзандон мебошад, ҳамон чизе, ки аз назари қонунгузорони аврупоӣ мавриди иҳмол қарор гирифтааст.

Бордоркунии сунъӣ, умуман, бо ду роҳ: бордоркунии дохилӣ ва бордоркунии берунӣ ва ё лабораторӣ сурат мегирад.

1. Бордоркунии дохилӣ он аст, ки нутфаи манавии мард гирифта ва ба василаи дастгоҳҳои махсус ба раҳм (бачадон) ва ё мавзеи муносибе дар маҳбили зан ворид сохта мешавад, то дар дохил ба тухмҳуҷайраи манавии зан пайваста, онро бордор намояд.

2. Бордоркунии берунӣ он аст, ки нутфаи манавии мард ва тухмҳуҷайраи зан гирифта ва дар дастгоҳҳои махсусе, ба монанди зарфҳо ва ё найчаҳое, ки бо муҳити бачадон мувофиқ гардонида шудаанд, ба таври лабораторӣ бо ҳам якҷоя ва бордор сохта мешаванд ва пас аз муддате вақте нутфаи бордоршуда ба афзоиш ва тақсимшавии ҳуҷайравӣ медарояд, онро ба бачадони зан интиқол медиҳанд, то марҳалаҳои такомули баъдии худро дар он ҷо идома диҳад.

Масъала ва ё амалияи бордоркунии сунъии нутфаи мард ва тухмҳуҷайраи зан чанд сурат дорад:

1. Амалияи бордоркунии нутфа (сперма)-и мард бо тухмҳуҷайраи зане анҷом дода мешавад, ки ҳамсари вай нест ва пас аз бордоркунии берунӣ дар озмоишгоҳҳои тиббӣ ба бачадони ҳамсари он мард ворид сохта мешавад, яъне нутфаи мард бо тухмҳуҷайраи зани бегонае ба таври озмоишгоҳӣ бордор карда мешавад ва пас аз он ба бачадони ҳамсари он мард ворид сохта мешавад.

2. Нутфаи марди бегонае бо тухмҳуҷайраи ҳамсари марди дигаре дар берун (ба таври озмоишгоҳӣ) бордор карда шуда, пас аз он ба бачадони ҳамсари он мард ворид сохта мешавад.

3. Нутфа ва тухмҳуҷайраи зану шавҳари шаръӣ дар берун бордор карда шуда, сипас ба бачадони зани довталаби дигаре ворид сохта мешавад, то барои он зану шавҳари шаръӣ фарзанд ба дунё оварад.

4. Нутфа ва тухмҳуҷайраи марду зани бегонае дар берун бордор карда шуда, он гоҳ ба бачадони ҳамсари шаръии марде гузошта мешавад, то барояшон фарзанде ба дунё ояд.

5. Нутфа ва тухмҳуҷайраи зану шавҳари шаръӣ дар берун бордор карда шуда, он гоҳ ба бачадони ҳамсари дуюми ҳамон мард ворид сохта мешавад.

6. Нутфа ва тухмҳуҷайраи зану шавҳари шаръӣ дар берун бордор карда шуда, сипас ба бачадони ҳамон зан ворид сохта мешавад.

[1] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори рақами (1). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила: ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 532, 533.

7. Нутфаи мард гирифта ва дар ҷои муносибе аз маҳбал ва ё бачадони ҳамсараш ворид сохта мешавад.

Маҷлиси «Маҷмаи фиқҳи исломӣ» дар нишасти давраи сеюми худ, ки аз 8-ум то 13-уми моҳи сафари соли 1407ҳ. (аз 11-ум то 16-уми октябри соли 1986-уми милодӣ) дар шаҳри Аммон – пойтахти мамлакати Урдун баргузор гардид, натиҷаҳои зеринро дар бораи навъҳои амалияи бордоркунии сунъии фавқуззикр ба тасвиб расонд:

а) Панҷ навъи аввали амалияи бордоркунии сунъӣ шаръан ҳаром ва мамнӯъ ва бар хилофи мақсадҳои шариати ислом дар ҳифзи аслу насаби фарзандони мусулмон мебошанд.

б) Ду навъи ахири амалияи бордоркунии сунъӣ (шашум ва ҳафтум) дар ҳолати зарурат ва бо бакоргирии тамоми эҳтиётоти лозима боке надоранд.[1]

Насаби фарзанде, ки бо ду навъи ахири амалияи бордоркунии сунъӣ ба дунё меояд, шаръан аз ҳамон падару модар ба шумор меравад.

Чӣ тавре гуфтем, мусулмонон дар гузашта шояд ба таври амалӣ ба ин равиши бордоркунӣ чандон ошноие надоштанд, вале дар маҷмӯаи фиқҳи исломӣ дар бахши масоили тақдирӣ ба шаклҳои одитари он ишораҳое шудааст ва ҳамин чиз заминаи таҳқиқоти уламои ҷаҳони исломро дар масоили муосир фароҳам овардааст.[2]

Дар Радду-л-муҳтор омадааст: «Агар зане мании шавҳарашро ба фарҷи худ дохил кунад (ва пас аз он талоқ шавад), ҳатман идда мепояд». Дар ҷои дигар мефармояд: «Агар канизе мании мавлояшро дар чизе гирифта ба фарҷи худ дохил кунад ва бо ҳамин бордор гашта, фарзанд ба дунё оварад, насаби он фарзанд аз мавлояш собит мегардад ва каниз модари фарзанд (умми валад) ба шумор меравад».[3]

Албатта, бандаи мусулмон вақте ба тариқаи бордоркунии сунъӣ рӯй меоварад, ки аз роҳи табиии муошрати ҷинсӣ бо ҳамсараш фарзанд наёбад. Тибби муосир бо пешрафтҳое, ки дар чанд даҳаи ахир намудааст, метавонад дар мавридҳои зиёде ба вай кӯмак намояд. Дар ин ҷо чанд ҳолатеро зикр менамоем, ки зарурати бордоркунии сунъиро барои шахс пеш меоваранд:

а) Дар ҳолати заъиф гаштани ҳуҷайраҳои манавии мард нутфаи вай дар лаборатория ғафстар сохта шуда, дар давраи омодагии зан ба бордорӣ ба бачадони вай дохил карда мешавад.

б) Дар ҳолате, ки турши (кислотност)-и маҳбили зан ҳуҷайраҳои манавии мардро ба таври ғайриодӣ кушта нобуд созад ва онҳо натавонанд зинда ба найчаҳои воридшаванда ба бачадон бирасанд.

в) Дар ҳолате, ки мард бо суръат инзол шавад ва тухмҳуҷайраҳои зан ҳануз омодаи омезиш ва бордор шудан нагашта бошанд.

г) Дар ҳолате, ки мард иннин (ҳез) ва аз муошрати ҷинсӣ оҷиз бошад, нутфаи вай гирифта ва ба бачадони ҳамсараш, агар ҷудоиро нахоҳад, ворид сохта мешавад.

ғ) Дар ҳолате, ки аксари ҳуҷайраҳои манавии мард мурда бошанд, нутфаҳои зиндаи он ба тариқи озмоишгоҳӣ ҷамъоварӣ ва ба бачадони зан ворид карда мешаванд.

Дар тамоми ин ҳолатҳо вақте зан солим бошад, амалияи бордоркунӣ ба таври дохилӣ сурат мегирад. Аммо агар найчаҳои интиқолдиҳандаи тухмҳуҷайра ба бачадон (труба) дар зан масдуд бошанд ва ё дуруст кор накунанд, дар ин сурат нутфаи мард ва тухмҳуҷайраи зан дар берун ба таври лабораторӣ бордор карда ва дар давраи муносибе ба бачадони зан интиқол дода мешаванд.

Ба ҳар ҳол, масъалаи бордоркунии сунъӣ аз дидгоҳи шаръ бисёр нозук мебошад ва ҷуз дар ҳолати зарурат ва ба таври маҳдуд ҷоиз нест. Навъҳои гуногуни амалияҳои бордоркунии сунъӣ дар кишварҳои ғарбӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудаанд, ки ба фарҳанги динии мо мувофиқ намебошанд. Бинобар ин, уламои ислом аз оқибатҳои бади он низ барҳазар доштаанд.

---

[1] Доктор Абдулкарим Зайдон, ал-Муфассал фӣ аҳкоми-л-маръати ва-л-байти-л-муслим. – Ҷ. 9. – Бейрут: Муассисаи рисолат, 1417 ҳ. (1997). – С. 390. Минбаъд: ал-Муфассал. Нусхаи электронии китоби «Қарорҳо ва тавсияҳои «Маҷмаи фиқҳи исломӣ», қарори 16 (3/4). – С. 12, 13.

[2] Барои шиносоӣ бо фиқҳи тақдирӣ ба китоби «Имоми Аъзам бузургмарди таърихи башарият», навиштаи муаллиф мурочиат намоед.

[3] ал-Муфассал. – Ҷ. 9. – С. 382, 383.

КОШТАН ВА Ё ИНТИҚОЛИ УЗВҲО

Имрӯзҳо ҳамзамон бо пешрафти илми тиб ва дастгоҳӣ ва ё мошинӣ шудани шароити зиндагӣ дар ҷаҳон масоили гуногуне дар арсаи ҳаёти мардум зуҳур кардааст, ки уммати ислом ба ҳайси муҳимтарин бахши ҷомеаи ҷаҳонӣ аз пайомадҳои он барканор намондааст. Яке аз ин масоил масъалаи коштани[1] узвҳои бадани инсон дар шахси дигар аст, ки ҳам натиҷаҳои мусбатеро ба ҳамроҳ дошта ва ҳам ба зиёнҳои равонӣ ва иҷтимоӣ анҷомидааст. Зеро он дар шароите ҷараён гирифтааст, ки аз ҳар гуна меъёрҳои шаръӣ ба дур буда ва дар он каромати инсонӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии фард ба таври шоёне ба эътибор гирифта нашудаанд.

Маҷмаи фиқҳи исломӣ низ ба ин масъала эҳтимом дода, дар нишасти давраи чаҳоруми худ, ки дар таърихи 18-23 моҳи ҷимодалохири соли 1408 ҳиҷрӣ мувофиқ ба 6-11 моҳи феврали соли 1988 милодӣ дар шаҳри Ҷадда баргузор гардид, пас аз баррасии ҳамаҷонибаи масъала онро ба тартиби зерин мавзӯъбандӣ намуд, ки ҳар ҳолат ва ё мавзӯи он ҳукми худро дорад:

1. Манзур аз узв дар ин маврид ҳар ҷузъе аз аҷзои бадани инсон аст, ки бофтаҳо, ҳуҷайраҳо, хун, узвҳои комил ва ғайраро шомил мешавад, ба монанди қарнияи чашм,[2] хоҳ дар ҷои худ бошад, хоҳ аз он берун оварда шуда бошад.

2. Зарурати бақо ва идомаи ҳаёт ва ё ҳифзи вазифаи асосии ҷисм, ба монанди биноӣ, ба ин амр водошта бошад, ба шарте шахси истифодакунанда аз ҳаёти шаръан боэҳтироме баҳраманд бошад.

3. Истифода аз ин амалия се сурат дорад: **а)** интиқоли узв аз шахси зинда; **б)** интиқоли узв аз мурда; **в)** интиқол аз ҷанин.

Сурати аввал, ки аз интиқоли узв аз шахси зинда иборат аст, ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Интиқол додани узв аз як ҷои ҷисм ба ҷои дигараш, ба монанди интиқоли пӯст, тағояки бинӣ, устухонҳо, рагҳои варид (вена), хун ва ғайра.

2. Интиқол додани узв аз бадани шахсе ба бадани шахси дигар. Дар ин ҳолат он ё аз узвҳое аст, ки ҳаёти инсон ба он вобаста аст ва ё дар ҳаёти шахс аз аҳаммияти поёнтаре бархурдор аст.

Он узве, ки ҳаёти инсон ба он вобаста аст, ё дар ҷисм танҳо як адад аз он вуҷуд дорад, ба монанди дил ва ҷигар ва ё ду адад, ба монанди гурдаҳо ва шуш.

Аммо он узве, ки ҳаёт ба он вобаста нест, ё вазифаи асосиеро дар ҷисм анҷом медиҳад, (ба монанди чашм, гӯш ва ғайра) ва ё вазифаи асосиеро анҷом намедиҳад, (ба монанди ангушт, дандон ва ғайра). Боз ё худ дар бадан коркард ва таҷдид мешавад, ба монанди хун ва ё таҷдид намешавад. Баъзе аз онҳо дар насаб, хусусиятҳои ирсӣ ва шахсияти умумии инсон таъсир доранд, ба монанди хуся (тухмҳои мард) ва тухмдон (дар зан) ва баъзе аз онҳо дар ин кор таъсире надоранд.

Сурати дуюм, ки аз интиқоли узви мурда иборат аст ва марг ду ҳолат дорад: а) марги димоғ (мағзи сар), ки тамоми сохтори он ба таври ниҳоӣ ва бебозгашт аз кор мемонад, б) ба таври ниҳоӣ ва бебозгашт аз кор мондани дил ва нафасгирӣ.

Сурати сеюм, ки дар он интиқоли узв (ҷузъе аз аҷзои бадан) аз ҷанин ба амал меояд. мавридҳои корбурди он се ҳолат доранд:

а) ҷанине, ки худ ба худ иҷҳоз (партофта) шудааст;

б) ҷанине, ки ба сабаби омили тиббӣ ва ё ҷиноие партофта шудааст;

в) нутфаҳое, ки дар беруни раҳм (бачадон) парвариш шудаанд.

Аҳкоми шаръии мавридҳои гуногуни фавқ:

1. Интиқоли узв (бофтаҳо, рагҳо, пӯст ва ғайра) аз як мавзеъ ба мавзеъи дигари бадани шахс бо риояи ин асл, ки нафъи мавриди назар дар он аз зарараш бештар бошад, ҷоиз аст. Он ҳам ба шарте ки ин кор барои барқарор сохтани узви аз байн рафта ё барои баргардонидани шакл ё вазифаи муқаррарии узве ё барои ислоҳи норасоӣ ва ё аз байн бурдани зиштие, ки сабабгори озори равонӣ ва ё физиологии шахс гардидааст, сурат гирад.

2. Интиқоли узв аз ҷисми шахсе ба ҷисми шахси дигар, ба шарте худ аз худ дар бадан коркард ва таҷдид шавад, ҷоиз аст, ба монанди хун ва пӯст ва дар он бояд шахси табаррӯъкунанда

[1] Коштан ва ё интиқоли узвҳои баданро аз як шахс ба шахси дигар ба забони русӣ трансплантация ва ё пересадка органов ва ба забони англисӣ «Transplantation» меноманд.

[2] Қарния -/тиббӣ: пӯстаи шаффофе дар берунтарин қисмати чашм аст, ки қабати инабия ва гавҳараки чашм дар пушти он ҷойгир шудаанд.

(донор) аҳлияти комил дошта бошад ва тамоми шартҳои мавриди назари шаръ риоя шаванд.

3. Истифодаи ҷузъе аз узви бадани шахс, ки ба сабаби беморие аз он гирифта (ҷарроҳӣ ва бурида) шудааст. ҷоиз аст, ба монанди қарнияи чашми шахсе, ки ба сабаби беморие аз вай бурида шудааст.

4. Интиқоли узве, ки ҳаёти инсон ба он вобаста аст, ба монанди дил ва ҷигар, аз шахси зинда ба шахси дигар ҳаром аст.

5. Интиқоли узве аз шахси зинда, ки аз байн рафтани он вазифаи асосиеро дар ҳаёти инсон муаттал месозад, ҳарчанд асли ҳаёт ба он вобаста набошад ҳам, ба монанди қарнияи ҳар ду чашм, ҳаром аст.

6. Интиқоли узве аз мурда, ки ҳаёти инсон ба он вобаста аст ва ё вазифаи асосиеро дар он анҷом медиҳад, ба ҷисми шахсе, ба шарте ҷоиз аст, ки шахси вафтида пеш аз вафоташ ба он иҷозат дода бошад ва ё ворисонаш пас аз маргаш ба он иҷозат диҳанд. Агар шахс маҷҳулу-ш-шахсият ва ё беворис бошад, бояд валии амри мусулмонон ба ин амр мувофақа намояд.

7. Ҷавози интиқоли узв дар ҳолатҳое, ки дар боло баён гардид, машрут бар он аст, ки ба воситаи фурӯши узв анҷом нагирад. Зеро фурӯши узвҳои одамӣ ҳаргиз ҷоиз нест.[1]

8. Ҳар чизе ба ҷуз ҳолатҳо ва суратҳои зикршуда, ки ба гунае ба ин мавзӯъ бастагӣ дорад, ба мутолиа ва баррасӣ дар нишасти оянда мавкул мегардад.[2]

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ ҳамчунин дар бораи интиқоли узвҳои таносулӣ дар нишасти давраи шашуми худ, ки дар таърихи 18-23 моҳи шаъбони соли 1410 ҳичрӣ мувофиқ ба 14-20 моҳи марти соли 1990 милодӣ дар шаҳри Ҷадда баргузор гардид, қарорҳои зеринро ба тасвиб расонд:

1. Коштан ва ё интиқоли ғадудҳои таносулӣ:

Аз он ҷо ки хуся (дар мард) ва тухмдон (дар зан) ба (вазифаи) ҳамл ва ифрози хусусиятҳои ирсӣ (коди генетикӣ)-и шахси интиқолёфта аз вай ҳатто пас аз интиқол ба қабулкунандаи нав идома медиҳанд, пас интиқол ва коштани онҳо дар шахси дигар шаръан ҳаром аст.[3]

2. Коштан ва ё интиқоли узвҳои таносулӣ:

Коштан ва ё интиқоли баъзе узв (ҷузъ)-ҳои таносулӣ ғайр аз авратҳои ғализа, ки ноқили хусусиятҳои ирсӣ нестанд, дар ҳолати зарурат ва тибқи меъёрҳои шаръие, ки дар қарори рақами (1) давраи чаҳоруми Маҷмаъ баён гардидаанд, ҷоиз мебошад.[4]

3. Ҷарроҳии ороишӣ ва ё тармимӣ (пластикӣ):

Гузаронидани ҷарроҳӣ барои ислоҳи узве аз узвҳои бадан ва ё барои зебоӣ, ки ба он ҷарроҳии пластикӣ ва ё косметикӣ мегӯянд ва имрӯз хеле ривоҷ ёфтааст, ба шарте бар хилофи арзишҳои исломӣ ва меъёрҳои шаръӣ коре содир нашавад, боке надорад. Вале табдил додани ҷинс[5] ва интиқоли ғадудҳо ва узвҳои ғализаи таносулӣ, чӣ тавре баён шуд, қатъан ҳаром ва мамнӯъ аст.

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти давраи ҳаждаҳуми худ, ки дар таърихи 24-29 моҳи ҷимодулохири соли 1428 ҳичрӣ, мувофиқ ба 9-14 июли соли 2007, дар шаҳри Бутроҷоёи кишвари Малейзия баргузор гардид, дар бораи ҷарроҳии ороишӣ қарорҳои

---

[1] Ба ин маъно, ки интиқоли узв ба сурати табарруъ аз сӯи шахси диҳанда (донор) ба қабулкунанда дода шавад, на ба тариқи фурӯш. Зеро хариду фурӯши узвҳои одамӣ дар ислом ҷоиз нест. Вале агар шахси дуюм ба шакли ҳадя, кӯмаки беғаразона ва бо иқдоми ҷавонмардона ба вай чизе диҳад, ҷоиз аст.

[2] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори рақами (1). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 505-508.

[3] Чӣ тавре мулоҳиза мешавад, дар қарори Маҷмаъ дар миёни ғадудҳои таносулӣ, ки аз хусяҳои мард ва тухмдони зан иборатанд ва узвҳои таносулӣ фарқ гузошта шудааст. Интиқоли ғадудҳои таносулӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз нест, дар ҳоле ки интиқоли ҷузъе аз узвҳои таносулӣ ғайр аз авратҳои ғализа ҷоиз аст. Зеро ғадудҳои таносулӣ саргаҳи пайдоиши нутфаи мард (оби манӣ) ва зан (тухмҳуҷайра) мебошанд, ки ҳар яке ҳомил ва ноқили хусусиятҳои ирсӣ ва коди виросатӣ (генетикӣ)-и мавсум ба ДНК ба ҷанин ҳастанд.

[4] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № (59/8/6). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 553.

[5] Манзур зоҳиран тағйир додани ҷинси мардона ба занона ва занона ба мардона аст, ки бо иваз кардани дастгоҳи таносулӣ ба воситаи ҷарроҳии тармимӣ (пластикӣ) сурат мегирад.

зеринро ба тасвиб расонд: Гузаронидани ҷарроҳии ороишӣ дар зарурат ва барои рафъи ҳоҷиёт ҷоиз аст, вақте:

а) барои барқарор намудани шакли аввалаи узвҳои бадан бошад,

б) барои барқарор сохтани вазифаи маъмулии узви бадан бошад,

в) барои ислоҳи нақсҳои узвӣ бошад, ба монанди лаби чок, бинии кач, доғҳои бадан, ангушт ва ё дандони зиёдатӣ, ангуштони часпида ва ғайра, ки аз ҷиҳати ҷисмӣ ва ё равонӣ боиси озори соҳибаш мегарданд,

г) барои ислоҳи нақсҳо ва осебҳое бошад, ки бар асари оташсӯзӣ, ҳаводис (-и табиӣ), бемориҳо ва ғайра ба вуҷуд омадаанд, ба монанди интиқоли пӯст ва ҷарроҳии он,

ғ) барои бартараф сохтани зиштие (дар бадан) бошад, ки аз ҷиҳати равонӣ ва ё ҷисмӣ ба шахс осеб ва озор мерасонад.

Ҷарроҳии ороишӣ дар мавридҳои зерин ҷоиз нест:

Вақте барои тағйири хилқати солими инсонӣ бошад, ба монанди тағйири тарҳи рӯй ва қиёфа, то бо чеҳраи нав зуҳур намояд ва ё барои фиребидан ва гурехтан аз адолат ба он рӯй оварад.[1]

[1] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № (18/11/173). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 8. – С. 804, 805.

Гуфтанист, ки дар ин ҷо баъзе бандҳои қарори Маҷмаъ иқтибос шудаанд, на ҳамаи онҳо.

Фасли ҳафтум

ИДДА

Идда ар. عـــدَّة/عدَّه/عدَّت аз решаи ад(д) ба маънои баршумурдан ва ҳисоб кардан баргирифта шудааст; шумор, адад; миқдор; дар истилоҳи фиқҳ муддат ва давраи муайяне аз замон, ки занон пас аз талоқ – аз байн рафтани никоҳ ё фавти шавҳаронашон мунтазир мемонанд ва ба шавҳар намебароянд; мунтазир мондан ё гузаронидани занон даврае аз замонро, ки аз сӯи шаръ барои истибро – муайян гаштани покии раҳмашон пас аз талоқ ё фавти шавҳаронашон пешбинӣ шудааст ва он барои занони талоқгашта се ҳайз ё се моҳ, барои занони бевагашта чаҳор моҳу даҳ рӯз ва барои занони ҳомила вазъи ҳамл аст. Идда ба сабаби шомил будан бар ададе аз акроъ – ҳайзҳо ё моҳҳо ба ин ном мавсум шудааст ва дар форсӣ бо лафзҳои поидан, шумурдан ва аз сар гузаронидан корбурд шавад. Поидани идда пас аз ҷудоӣ, ба шарте никоҳ бо анҷоми ҳамхобагӣ ё хилвати саҳеҳа тасбит ва устувор шуда ё шавҳар даргузашта бошад, бар зан воҷиб аст. Вожаҳои истиброи раҳм, ихдод – мотам гирифтани зан пас аз марги шавҳар ва тараббус – интизорӣ кашидани зан паз аз талоқ бо идда ҳампайванд ва наздикмаъно ҳастанд.

Идда бо Китоб, Суннат ва иҷмои уммат собит шуда, фуқаҳо ба машрӯият ва вуҷуби он бар зан ҳангоми вуҷуди сабабаш иттифоқи назар доранд. Идда бинобар гуногун будани ҳолоти худи занон ва ҳолатҳои ҷудоии онҳо чаҳор навъ мешавад: **а)** Иддаи занони ҳайзбин, **б)** иддаи занони ноҳайзбин, **в)** иддаи занони бордор, **г)** иддаи вафот. Як ҳолати дигар вуҷуд дорад, ки зан дар он идда намепояд ва он – талоқ шудани зан пеш аз ҳамхобагӣ ва хилвати саҳеҳа аст.

1. Вақте миёни зану шавҳар танҳо ақди никоҳ сурат гирифта бошад, вале ҳамбистарӣ ва ё хилвати саҳеҳае анҷом нагирифта бошад, ин зан пас аз талоқ иддае намепояд (надорад). Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِذَا نَكَحْتُمُ ٱلْمُؤْمِنَٰتِ ثُمَّ طَلَّقْتُمُوهُنَّ مِن قَبْلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ فَمَا لَكُمْ عَلَيْهِنَّ مِنْ عِدَّةٍ تَعْتَدُّونَهَا

«Эй касоне, ки имон овардаед, вақте занони муъминаро никоҳ намудед, он гоҳ пеш аз ҳамбистарӣ ва даст расонидан онҳоро талоқ кардед, пас бар онҳо ҳеҷ иддае нест, ки онро барои шумо бипоянд…».[1]

2. Аммо агар шавҳараш бимирад, хоҳ ҳамбистарӣ бо вай сурат гирифта бошад ё не, идда мепояд. Дар ин ҳолат зан иддаи вафот мепояд. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَٱلَّذِينَ يُتَوَفَّوْنَ مِنكُمْ وَيَذَرُونَ أَزْوَٰجًا يَتَرَبَّصْنَ بِأَنفُسِهِنَّ أَرْبَعَةَ أَشْهُرٍ وَعَشْرًا

«Ва онҳое, ки аз миёни шумо вафот менамоянд ва пас аз худ заноне бар ҷой мегузоранд, чаҳор моҳу даҳ рӯз бо худ интизорӣ мекашанд».[2]

Ҳамин ки мард ҳамсарашро талоқи боин ё раҷъӣ намуд ва ё на бо талоқ, балки аз тарафи додгоҳи шаръ миёни онҳо ҷудоӣ воқеъ шуд, иддаи зан оғоз мегардад.

3. Дар сурате зан ҳайзбинанда бошад ва бо вай ҳамбистарӣ сурат гирифта бошад ва бо талоқ аз шавҳараш ҷудо гашта бошад, муддати иддааш се ҳайз аст. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَٱلْمُطَلَّقَٰتُ يَتَرَبَّصْنَ بِأَنفُسِهِنَّ ثَلَٰثَةَ قُرُوٓءٍ

[1] Сураи Аҳзоб, 33: 49.
[2] Сураи Бақара, 2: 234.

«Ва занони талоқгашта муддати се қуръ (ҳайз) бо худ интизорӣ мекашанд».[1]

4. Вале агар аз рӯи хурдсолӣ ё бузургсолӣ ва ё бар асари беморие ҳайз набинад, муддати иддааш дар чунин ҳолат се моҳ мебошад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَٱلَّٰٓـِٔي يَئِسۡنَ مِنَ ٱلۡمَحِيضِ مِن نِّسَآئِكُمۡ إِنِ ٱرۡتَبۡتُمۡ فَعِدَّتُهُنَّ ثَلَٰثَةُ أَشۡهُرٖ وَٱلَّٰٓـِٔي لَمۡ يَحِضۡنَ

«Ва он занонатон, ки аз ҳайз боз мондаанд, агар дар кори онҳо ба шак афтодед, пас иддаи онҳо се моҳ аст ва ҳамин тавр, он заноне, ки ҳанӯз ба синни ҳайз нарасидаанд…».[2]

5. Агар зани талоқшуда ҳомила (бордор) бошад, иддаи вай вазъи ҳамлаш (таваллуд кардан) мебошад. Ҳамин ки таваллуд намуд, иддааш ба поён мерасад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَأُوْلَٰتُ ٱلۡأَحۡمَالِ أَجَلُهُنَّ أَن يَضَعۡنَ حَمۡلَهُنَّ

«Ва занони бордор поёни муддати иддааашон ин аст, ки ҳамлашонро вазъ намоянд».[3]

МАСОИЛИ ГУНОГУНИ ИН БОБ

1. Зане, ки шавҳараш даргузашта бошад, иддаи вай иддаи вафот – чаҳор моҳу даҳ рӯз аст. Вале агар ин зан ҳангоми вафоти шавҳараш ҳомила бошад, яъне осор ва нишонаҳои ҳомилагиаш зоҳир шуда бошанд, иддааш бо вазъи ҳамлаш ба поён мерасад, гарчи чанд лаҳза ва соате пас аз он сурат гирад, ҳатто агар ҳомила буданаш пас аз вафоти шавҳараш ҳам зоҳир гардад, иддааш бо вазъи ҳамл ба поён мерасад.[4]

2. Зани талоқшудае, ки ҳайз намедид, пас аз гузашти ду моҳ аз вақти талоқ ба нохост ҳайз бинад, он ду моҳи сипаригашта эътиборе надоранд. Бояд муддати се ҳайзи дигар идда бипояд. Агар зани ҳайзбинандае пас аз ду ҳайз оиса гардад, яъне ба сабаби пирӣ аз ҳайз бозмонад, он ду ҳайзи вай эътиборе надорад, бояд ба муддати се моҳи дигар идда бипояд.

3. Агар шавҳари хурдсоли зани ҳомилае аз дунё даргузарад, иддаи вай низ вазъи ҳамл (таваллуд кардан) аст, вале насаби фарзанд аз он шавҳари хурдсол собит намешавад.

4. Зани талоқшудае, ки ҳайз намедид, пас аз гузашти ду моҳ аз вақти талоқ, агар ба нохост ҳайз бинад, он ду моҳи сипаригашта эътиборе надоранд, бояд муддати се ҳайзи дигар идда бипояд. Агар зани ҳайзбинандае пас аз ду ҳайз оиса гардад, яъне ба сабаби пирӣ аз ҳайз бозмонад, он ду ҳайзи вай эътиборе надорад, бояд ба муддати се моҳи дигар идда бипояд.

Шахсе ҳамсари худро дар ҳолати ҳайз талоқ кунад, он ҳайз аз идда ҳисоб намешавад, барои он се ҳайзи дигар бояд интизорӣ кашад.

5. Вақте байни зану шавҳар дар гузаштани идда ихтилоф шавад: Зан бигӯяд, ки иддаам гузаштааст ва мард ӯро такзиб (рад) намояд, сухани зан бо ёд намудани савганд тасдиқ ва эътибор карда мешавад.

6. Иддаи зане, ки аз никоҳи фосид ҷудо гашта ё зане, ки аз рӯи иштибоҳ бо ӯ ҳамхобагӣ сурат гирифтааст, чӣ мард зинда бошад, чӣ бимирад, дар ҳар ду сурат се ҳайз аст.

Эзоҳ: Никоҳи фосид монанди ақдест, ки бе ҳузури ҳеҷ шоҳиде баста шудааст ё ақд бастан бо зане, ки хоҳараш ҳанӯз дар ҳолати иддаи талоқ аз ҳамон мард ба сар мебарад. Ҳамхобагӣ аз рӯи иштибоҳ мисли он аст, ки марде бо зани бегонае ба гумони ин ки ҳамсари худаш мебошад, наздикӣ намояд.

---

[1] Сураи Бақара, 2: 228.

[2] Сураи Талоқ, 65: 4.

[3] Сураи Талоқ, 65: 4.

[4] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 3. – 288; ал-Биноя фӣ шарҳи-л-Ҳидоя. – Ҷ. 5. – С. 421–422; Бадоеъус-саноеъ. – Ҷ. 4. – С. 419–440.

Ба гуфтаи Ибни Масъуд, сурае, ки дар он ояти иддаи занони ҳомила зикр шудааст (Талоқ, 65: 4), пас аз ояте дар сураи Бақара (234) нозил шудааст, ки дар он иддаи занони шавҳармурда баён гардидааст. Пас ояти сураи Талоқ хукми иддаи зани ҳомиларо аз ҳукми ояти зани шавҳармурда истисно ва он (ҳукми иддаи занони шавҳармурда)-ро дар ҳаққи ин гурӯҳ мансух (бекор) кардааст (ал-Ҳидоя шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ. – Ҷ. 3. – С. 283–285). Ба гуфтаи Айнӣ, ин қавли ҷумҳури аиммаи мо ва қавли аксари уламои салаф аст (Бадруддин ал-Айнӣ, Маҳмуд ибни Аҳмад. ал-Биноя фӣ шарҳи-л-Ҳидоя. – Ҷ. 5. – С. 412–417. – Бейрут, 1990).

Ин масъала назди машоихи мазҳаб ғайр аз он мавриде аст, ки иддаи зан ба абъадулаҷалайн – дуртарин муддати идда табдил меёбад ва назди фуқаҳо ба иддаи форр маъруф аст.

7. Зане дар идда ба сар мебурд, ки аз рӯи иштибоҳ марде бо ӯ ҳамбистар шуд, бояд иддаи дигар бипояд ва ҳар ду идда дар ҳам тадохул (идғом) мешаванд. Мас., занеро шавҳараш талоқ дод ва вай пас аз талоқ як бор ҳайз дид ва дар ҳамин асно марде иштибоҳан бо вай ҳамбистар шавад, бояд се ҳайзи дигар барои комил гардидани иддааш бар вай бигзарад.

8. Марде ҳамсари худро талоқи боин намуд ва дар аснои идда ӯро ба никоҳи худ даровард, вале бори дигар вайро талоқ кард, бояд иддаи дигар бишуморад (бипояд) ва маҳри комил ба вай дода шавад, ҳарчанд дар никоҳи дуюм ҳамхобагие бо ӯ сурат нагирифта бошад.

9. Огоҳ сохтани зан аз талоқ барои воқеъ шудани талоқ зарурат надорад. Мас., мард пас аз муддате гӯяд, ки аз фалон таърих туро талоқ намудаам, агар аз он таърих то лаҳзаи иқрори мард иддаи зан ба поён расида бошад, бефосила, зан метавонад бо марди дигаре ба шавҳар барояд, ба шарте дар муддати номбурддааш занро тарк намуда бошад.

ҲИКМАТҲОИ ИДДА

а) Ҳикматҳои машрӯияти идда аз назари таълимоти ислом яке фароҳам омадани фурсати дигаре барои шавҳар аст, то дар муддати иддаи ҳамсараш тамоми фикру андешаҳои худро ба кор гирад ва вақте ба ин хулоса омад, ки бо ҳамон ҳамсараш зиндагонии худро идома диҳад, агар талоқи рақъӣ бошад, бе ҳеҷ гуна харочоту саргардонӣ ба ӯ ручӯъ менамояд.

б) Истиброи раҳм – мушаххас гаштани вазъи бордорӣ ё бордор набудани зан барои пешгирӣ аз омехтани наслҳо бо якдигар ва в) ба нишони вафодорӣ ба шавҳари худ ва изҳори ҳамдардӣ бо хонаводаи ӯ, дар ҳолати фавти шавҳар, ба муддати чаҳор моҳу даҳ рӯз аз шавҳар кардан худдорӣ намудан аз дигар ҳикматҳои идда мебошанд.

Ислом аслан хоҳони хонаводаи хушбахт ва ба камол расидани фарзандони рашиду саодатманд дар муҳити солими хонавода мебошад. Бинобар ин, аз ҳамон ибтидо, дар мавриди интихоби ҷуфт ва ҳамсари ояндаи ҳаёт ва куфву ҳамсанги муносиб омӯзаҳо ва иршодоти муҳиммеро барои наслҳои ҷавони уммат пешкаш намудааст.

Ҳамин тавр, дар бораи баргузории маросими хостгорӣ, ки беҳтар аст бо ҳузур ва назархоҳии шахсиятҳои диндор, рӯзгордида ва аҳли ташхису салоҳ сурат бигирад, маҷмӯаи салоҳдидҳо ва намунаҳои амалиеро бар пешорӯи фарзандони мусулмон қарор додааст ва дар марҳалаҳои ҳассоси ақди никоҳ, ки бояд бо ризоят ва ҳузури сарпараст ва валии он ду ҷавон баргузор гардад ва хулоса, дар тамоми марҳалаҳои рушди фикрию ақлонӣ ва дар саросари даврони касби таҷрибаҳои зиндагӣ, тавсияҳо ва роҳнамоиҳои заруриро барои пайравони худ намудааст, то таҳдоби хонавода ҳарчи мустаҳкамтар рехта шавад.

Агар пас аз ин ҳама иноят ва таваҷҷуҳе, ки ислом ба бунёди хонаводаи солим медиҳад, боз носозгорӣ ва кашмакашҳои хонаводагӣ дар миёни зану шавҳар сурат гирад, роҳҳои ҳалли мусолиматомези он бояд ҷуста шавад. Дар сурати ноком мондани тамоми роҳи ҳалҳо ва ба ҷудоӣ анҷомидани низоъи хонаводагӣ, бо талоқи навъи аҳсан ва маснун аз ҳам ҷудо шаванд ва фурсате барои андешидан ва роҳе барои ақиб бозгаштани худ боқӣ гузоранд.

Якбора худро аз неъмати хонавода ва оғӯши гарми фарзандон маҳрум насозанд. Албатта, қариб аксари мушкилоти хонаводаҳо ва носозгориҳои зану шавҳар дар натиҷаи риоя нагардидани тавсияҳо ва роҳнамоиҳои арзишманди ислом дар марҳалаҳои гуногуни бунёди хонавода ба вуҷуд меоянд.

Дар ин ҷо ба нуктаи илмие, ки дар ин амр ва интихоби қуръонӣ нуҳуфтааст, ишора намоем. Машрӯияти қонуни идда бо назардошти ҳикматҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фавоиди равоние, ки барои зану шавҳар ва фарзанди онҳо (дар сурати бордор будан) ва зимнан барои тамоми ҷомеа ба бор меоварад ва ё пайомадҳои ногуворе, ки дар ҳаёти минбаъдаи ин афрод аз онҳо пешгирӣ менамояд ва ҳамин тавр вобаста намудани он ба ҳолати физиологӣ ва раванди табиие, ки ба таври даврай дар дастгоҳи ҳамл, низоми таносулӣ ва умуман ҷисми зан мегузарад, бузургтарин эъҷоз дар соҳаи қонунгузорӣ ба шумор меравад, ки дар он тамоми ҳолатҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто физиологии марду зан ва дар ниҳоят сарнавишти ояндаи ҷомеа дар

назар гирифта шудааст. Дар ин қонун амнияти равонӣ, виросатӣ (генетикӣ) ва иҷтимоии марду зан ва фарзанди онҳо (дар сурати бордор будан) ва дар миқёси васеъ амнияти генофонди миллӣ бо беҳтарин ваҷҳ таъмин гардидааст.

Вале ин нукта низ ҷолиб аст, ки чаро ба таври мушаххас се ҳайз муддати идда таъйин гардидааст, на камтар ва на бештар аз он. Имрӯз аз ҷиҳати илмӣ собит шудааст, ки дар ибтидои давраи бордорӣ то моҳи сеюм имкон дорад, ки раҳми зан як ва ё ду бор ба сурати ҳайз хунеро аз худ берун намояд ва он ҳанӯз наметавонад нообистании ӯро собит созад. Зеро вақте нутфаи баҳамомехта ва бордоршудаи марду зан дар раҳм қарор мегирад, дар он раванд ва ё амалияи тақсимшавӣ ва афзоиши ҳуҷайраҳо оғоз мегардад. Ин амалияро дар истилоҳи илмӣ тақсимшавии митозӣ (Mitosis division) меноманд. Вақте онҳо ба андозаи муайяне афзоиш меёбанд, ба ду гурӯҳ ё тӯда – ҳуҷайраҳои хориҷии эмбрион (ҷанин) ва ҳуҷайраҳои дохилии он тақсим мешаванд. Вазифаи ҳуҷайраҳои хориҷӣ, ки дар истилоҳи илмӣ бо номи (Trophoblast) шинохта мешаванд, ҳам сохтани пардаи машима ва ҳам тағзияи тамоми эмбрион бо хун аст. Ин ҳуҷайраҳо барои дарёфти хун ба пардаи дохили раҳм мечаспанд ва дар он рахнаҳо ё ҳуфраҳое эҷод менамоянд, ки боиси берун омадани хун аз он мегардад ва раҳм ногузир ин хунро ба берун меронад. Таркиби ин хун аз хуни ҳайз хеле фарқ мекунад, зеро дар таркиби хуни ҳайз илова бар маводди аслии хун резапораҳои пардаи дохили раҳм зиёд ба чашм мехӯранд, вале дар таркиби ин хун онҳо ниҳоят кам ҳастанд. Ин рӯйдод пас аз муддате, яъне дар рӯзҳои шашум ва ё ҳафтуми қарор гирифтани нутфаи баҳамомехта, ки дар истилоҳи қуръонӣ ба он нутфаи амшоҷ ва дар истилоҳи илмӣ «зигота» (Zygote) гуфта мешавад, дар раҳм ба амал меояд.

Аз сӯи дигар, тухмдон барои таъмини ғизоӣ ва нигаҳ доштани ҷанин дар зарфи се моҳ ба раҳм моддаи прожестрон ирсол менамояд ва дар аснои интиқоли ин моддаи органикӣ ба машима имкон дорад пастшавие дар нисбати ирсол ва ё интиқоли он ба амал ояд ва дар натиҷа бори дигар дар ин муддат дар раҳми зан хунравӣ ба мушоҳида расад. Ин ҳолат ҳаргиз маънои онро надорад, ки зан обистан нашудааст. Аммо пас аз он тамоми ин ҳолатҳо барои зан пушти сар мешаванд ва бордор будан ва ё набудани вай ба таври дақиқ муайян мегардад. Агар бори сеюм ҳайз бинад, маълум мешавад, ки бордор набудааст ва покии раҳмаш аниқ мегардад, вале агар ҳайз набинад, бордории ӯ аниқ мегардад.

Бинобар ин, Қуръони карим се ҳайзро муддати иддаи зан муқаррар намудааст, то он барои ҳар ду тарафи қазия ба таври дақиқ муайян гардад. Чӣ тавре мушоҳида мешавад, ин дастоварди илмӣ, ки ба пешрафтҳои илми тиб дар асри бистум рост меояд, ҳудудан пас аз сездаҳ аср аз нузули Қуръон кашф гардидааст ва он яке аз ишораҳои эъҷози илмии Қуръон ба шумор меравад.[1]

ТАБДИЛ ШУДАН Ё ИНТИҚОЛ ЁФТАНИ ИДДА АЗ НАВЪЕ БА НАВЪИ ДИГАР

Идда се навъ аст: бо ҳайз, бо моҳ ва бо вазъи ҳамл ва он гоҳе аз навъе ба навъи дигар интиқол меёбад.

1. Интиқоли идда аз моҳ ба ҳайз ва ин ҳолат барои занони ноболиғ ё ба балоғатрасидае, ки ҳанӯз ҳайз надидаанд ва занони оиса – бознишаста (аз ҳайз бозмонда)-е пеш меояд, ки оисагии онҳо на аз рӯи яқин, балки ба тариқи гумон будааст.

Фуқаҳо иттифоқи назар доранд, ки зани ноболиғ ё ба балоғатрасидае, ки ҳанӯз ҳайз надидаст, вақте бо моҳ идда пояд ва пеш аз поёни муддати иддааш ҳайз бинад, иддаашро аз сар мегирад ва он аз моҳ ба ҳайз интиқол меёбад, зеро моҳ дар мавриди идда бадал ва ҷойнишини ҳайз аст ва вақте асл мавҷуд бошад, бадал бекор мегардад, ба мисли таяммум, ки дар сурати вуҷуди он ботил мегардад.

Зани оисае, ки на аз рӯи яқин, балки ба гумони хеш оиса гаштааст, вақте бо моҳ идда пояд ва ҳанӯз иддааш ба поён норасида, ки ҳайз бинад, иддаи вай дар зоҳири ривоят назди фуқаҳои ҳанафиён ва назди шофеъиён, ба ҳайз табдил меёбад ва онро аз сар мегирад. Зеро дар ин ҳо-

[1] Баргирифта аз Тафсири навини Қуръони карим, таълифи худи муаллиф, дар зимни тафсири ояти 228 сураи Бақара.

лат маълум мегардад, ки гумони вай дар бораи оисагиаш хато будааст. Аммо агар ин ҳолат барои вай пас аз синну сол ва собит шудани оисагиаш ба таври қатъӣ пеш ояд, хуни вай ҳайз ба шумор намеравад ва иддаи худро бо моҳҳо такмил мекунад.

2. Интиқоли идда аз ҳайз ба моҳ ва ин ҳолат барои зане пеш меояд, ки дар муддати иддааш як ё ду ҳайз бинад ва пеш аз такмили идда оиса гардад. Ин зан иддаашро аз сар мегирад ва онро бо моҳ мепояд. Худованд мефармояд: **«Ва онҳое аз занонатон, ки аз ҳайз маъюс** (ноумед ва оиса) **шудаанд, агар** (дар бораи иддаи онҳо) **ба шак афтодед, пас иддаи онҳо се моҳ аст»** (Талоқ, 65:4).[1]

3. Интиқоли идда аз иддаи талоқ ба иддаи вафот.

Фуқаҳо иттифоқи назар доранд, ки вақте мард занашро талоқи рақъӣ кунад ва дар замони иддаи вай вафот намояд, иддаи қаблиаш бекор ва ба иддаи вафот табдил мешавад, онро аз лаҳзаи вафот аз сар мегирад, зеро талоқгашта бо рақъӣ, модоме дар идда бошад, ҳанӯз пайвандҳои заношавҳарӣ миёни онҳо ба гунае ва ба қавли соҳиби Ҳидоя, аз тамоми вачҳҳо боқӣ ҳастанд ва дар ҳаққи вай ҳукми ин оят: **«Ва касоне аз шумо, ки вафот мекунанд ва ҳамсароне** (пас аз худ) **боқӣ мегузоранд, ба нафсҳои худ чаҳор моҳу даҳ рӯз интизорӣ мекашанд»** (Бақара, 2:234), ҷорӣ мегардад.

Ибни Мунзир мегӯяд: Тамоми аҳли илме, ки аз онҳо ёд дорем, бар ин амр иҷмоъ доранд, зеро талоқшудаи рақъӣ ҳанӯз ҳам ҳамсар аст, талоқи шавҳар ба вай мепайвандад ва аз вай мерос мебарад, пас (дар ин маврид низ) ба мисли зани талоқношуда идда мепояд.[2]

Аммо агар мард дар вақти сиҳҳат ё дар бемории марг, вале бо талаб ё ризои занаш ӯро талоқи боин намояд ва дар замони иддаи вай аз дунё даргузарад, бо иттифоқи тамоми фуқаҳо зан иддаи талоқро такмил мекунад ва он ба иддаи вафот интиқол намеёбад, зеро тамоми пайвандҳои заношавҳарӣ аз лаҳзаи талоқи боин миёни эшон қатъ гардида ва натиҷаи боқӣ намондани сабаб ва пайванде дар байнашон ҳаққи меросбарии онҳо аз якдигар низ шаръан мунтафӣ гардидааст.

Агар ҳамсарашро дар замони бемории маргаш бе талаб ё ризои вай талоқи боин ё се талоқ намояд ва дар аснои иддаи вай даргузарад, назди имом Абуҳанифа (рҳ), имом Аҳмад, Суфёни Саврӣ (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) иддаи вай эҳтиётан, бо шубҳаи қиёми заношавҳарӣ миёнӣ онҳо, ба абъадулаҷалайн – дуртарин муддати идда аз талоқ ё вафот интиқол меёбад ва аз вай мерос мебарад. Мас., агар пеш аз фавти шавҳараш ду ҳайз дида ва ҳайзи сеюмро пас аз интиҳои иддаи вафот бинад, пас иддаи талоқро такмил мекунад, вале агар ҳайзи сеюмро пеш аз интиҳои иддаи вафот бинад, пас иддаи вафотро такмил мекунад.[3]

4. Интиқоли идда аз ҳайз ва моҳ ба вазъи ҳамл.

Ҷумҳури фуқаҳои мазоҳиб иттифоқи назар доранд, ки агар дар аснои идда бо ҳайз (дар иддаи талоқ) ё бо моҳ (дар иддаи вафоти шавҳар) маълум шавад, ки зан аз шавҳараш бордор аст, иддаи вай ба вазъи ҳамл табдил меёбад ва ҳукми иддаи гузашта дар ҳаққи вай бекор мегардад. Пас маълум мегардад, ки хуни дидаи вай ҳайз набудааст, зеро зани бордор ҳайз намебинад.

---

[1] Оиса гаштани зан (иёс ё давраи қатъ шудани ҳайзбинии зан – климакс, климактерий) ин аст, ки вай ба синну соле бирасад, ки амсоли вай одатан дар он дигар ҳайз намебинанд. Вақте ба ин синну сол расид ва хунбинии моҳонааш низ қатъ гардид, зоҳиран вай оиса гардидааст, магар ин ки хилофи он собит шавад. Дар таъйини синни иёс (оиса гаштан – климактерический период) фуқаҳо ба чанд қавл ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо панҷоҳ ва аксари уламо панҷову панҷро мутавассити синни иёс эътибор кардаанд, вале маъмулан он ба иқлим, ҳаёти иҷтимоӣ ва вазъи физиологии занон бештар бастагӣ дорад ва дар ҳар мавриде метавонад мутафовит бошад.

Назари умумии имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи тамоми масоили муқаддар – андозапазире, ки аз сӯи шаръ дар баёни ҳаҷм, масоҳат, андоза ва миқдори онҳо чизе наомадааст, он аст, ки эътибори он ба урфи мардум ё аҳли ҳирфаи машғул ба он вогузорда шавад, ба мисли таъйини масоҳати ҳавз, таъйини соли иёс ва ғ.

[2] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 17. – С. 325; Ибни Қудома. ал-Муғнӣ. – Ҷ. 9. – 108.

[3] Назди имом Молик (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ) ва имом Абуюсуф (рҳ) дар ин сурати масъала зан иддаи талоқро такмил мекунад, зеро тамоми пайвандҳои заношавҳарӣ бо талоқи боин миёни онҳо ба куллӣ қатъ гардидаанд. Гарчи дар ин масъала аз шавҳараш мерос ҳам барад, он аз боби муомала бар хилофи мақсадаш сурат гирифта ва иқтизои бақои пайванди заношавҳариро миёни онҳо, ки мӯҷиби асаф, хузну андӯҳ ва мотам аст, намекунад. Бинобар ин, иддааш бетағйир боқӣ мемонад.

ҲИДОД

Ҳидод дар луғат ба маънои тарки зинату ороиш аст ва дар истилоҳи шаръ ***ба маънои азодорӣ ва мотам гирифтани зан бар марги шавҳараш*** мебошад.

– Зане, ки дар иддаи талоқи боин ва ё дар иддаи вафоти шавҳараш ба сар мебарад, дар айёми гузаронидани иддааш набояд худро зинату ороиш диҳад. Риояи ин ҳолатро аз ҷониби зане, ки дар идда ба сар мебарад, ҳидод гуфта мешавад.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дошта бошад, ҳалол нест, ки бар мурдае бештар аз се рӯз мотам гирад, магар бар шавҳараш, ки бояд барои вай чаҳор моҳу даҳ рӯз азодорӣ намояд»***.[1]

– Зане, ки дар айёми иддаи худ ба сар мебарад, набояд аз ҷониби касе бо сароҳат хостгорӣ шавад, вале бо рамзу киноя ба миён овардани ёди никоҳ боке надорад.

– Зане, ки айёми иддаи худро аз талоқи боин ва ё раҷъӣ мегузаронад, то поёни муҳлати идда аз хона хориҷ нашавад. Танҳо дар сурате ки зарурате, ҳамчун беморӣ пеш ояд, метавонад аз хона хориҷ шавад.

– Зане, ки дар иддаи вафоти шавҳараш ба сар мебарад, метавонад рӯзона ва ё дар аввалҳои шаб барои таъмини ниёзҳо ва баровардани эҳтиёҷоташ аз хона хориҷ шавад.

– Зани кофира (бедин) ва духтари хурдсоле, ки шавҳараш ӯро талоқ додааст, бар онҳо ҳидоде нест, яъне метавонанд худро ороишу зинат диҳанд.

СОБИТ ШУДАНИ НАСАБ

Насаб яке аз қавитарин пояҳои хонавода буда, дар миёни афроди оила пайванди хуниро ба вуҷуд меоварад. Ҳифз ва таҳкими ин таҳдоби иҷтимоӣ яке аз мақсадҳои куллии ислом ба шумор меравад. Худованд пайванди насабро яке аз неъматҳои худ барои инсон донистааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва Ӯст он Худое, ки башарро аз об офарида ва (пайванди) ӯро (ба тариқи) насаб ва сеҳрӣ (домодӣ) гардонидааст».[2]**

Аз ин рӯ, дини ислом зану мардро ба ҳифзи покизагии насаби фарзандон тавсия намуда, онҳоро аз дохил сохтани кӯдакони маҷҳулулласл ва ё аз тариқи зино бадунёомада ба қавми хеш ва ҳамчунин аз инкори фарзанди худ наҳӣ кардааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Кадом зане бар қавме касеро дохил созад, ки аз онҳо нест, пас аз сӯи Худо дар чизе нест ва ҳаргиз Худованд вайро дохили биҳишт нагардонад ва кадом марде фарзанди худро инкор намояд, дар ҳоле, ки ӯро мешиносад, Худо аз вай дар ҳиҷоб (ҷудо) гардад ва ӯро дар рӯзи қиёмат бар сари аввалин ва охирин расво созад».[3]***

Камтарин муддати ҳамл (бордорӣ) шаш моҳ пас аз ақди никоҳ дар назди имом Абуҳанифа (рҳ) ва аз вақти духул дар назди имом Муҳаммад (рҳ) аст ва аксари муддати ҳамл ду сол аст. Агар фарзанде дар миёни камтарин ва аксари муддати ҳамл, яъне пас аз шаш моҳ то ду сол ба дунё ояд, насаби вай аз мард собит мешавад, хоҳ пас аз никоҳи саҳеҳ бо он зан ҳамхобагӣ намуда бошад, хоҳ бо никоҳи фосид ва ё ватйи бо шубҳа.

Ин матлаб аслан ба таваллуди фарзанд пас аз талоқ ва ҷудоии зану шавҳар бастагӣ дорад. Зеро дар ҳолати барқарор будани ақди никоҳ насаби фарзандон, агар мард онро инкор накунад, ба таври табиӣ аз вай собит мешавад. Аммо дар сурати инкори мард масъалаи лиъон пеш меояд, ки дар мавзӯи лиъон баён гардид.

Вақте насаби фарзанд аз мард собит гардид, чи аз никоҳи саҳеҳ бошад, чи аз никоҳи фосид ва ё ватйи бо шубҳа, тамоми пайвандҳои насабӣ, ба монанди маҳрамият, ҳаққи нафақа ва ғайра ва ҳамин тавр осори ҳуқуқӣ, ба монанди меросбарӣ ва ғайра, дар байни онҳо собит мегарданд.

БАЁНИ МАСОИЛИ ИН БОБ

1. Агар зани талоқи раҷъӣ шудае пас аз ду сол ё бештар аз он тифле ба дунё оварад, насаби тифл, ба шарте зан ба гузаштани иддааш иқрор надошта бошад, аз ҳамон марди талоқдиҳанда собит мешавад.

Ба шарте дар муддати камтар аз ду сол таваллуд намояд, ба маҳзи гузоштани ҳамли худ

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 1280, 1281, 1282, 5334, 5339, 5345; Саҳеҳи Муслим, 3709 (1486)-58, 3710 (1487).

[2] Сураи Фурқон, 25: 54.

[3] Сунани Абудовуд, 2263; Сунани Насоӣ, 3481; Сунани Ибни Моҷа, 2743. Бусайрӣ исноди онро заъиф гуфтааст.

(таваллуд кардан) зан аз шавҳараш талоқи боин мешавад ва насаби тифл аз он шавҳараш собит мегардад. Агар тифл пас аз ду сол аз вақти талоқ ба дунё омада бошад, дар сурате талоқ рағъӣ бошад, ин таваллуд руҷӯъ ҳам ба шумор меравад.

2. Зани талоқи боингаштае агар дар муддати камтар аз ду сол аз вақти талоқ тифле ба дунё оварад, насаби тифл аз талоқдиҳанда собит мешавад. Вале агар пас аз ду соли комил фарзанде ба дунё оварад, насаби тифл аз талоқдиҳанда собит намешавад. Аммо дар сурате мард субути насабро аз худаш даъво намояд, насаб аз вай собит мешавад.

3. Зани хурдсоли ба боин талоқгаштае, ки қобили ҳамбистарӣ буда, агар пас аз нуҳ моҳ аз вақти талоқ фарзанде ба дунё оварад, насаби тифл аз талоқдиҳанда собит намешавад. Агар дар камтар аз нуҳ моҳ таваллуд намояд, насаб собит мешавад.

4. Зани шавҳармурда то муддати ду сол аз замони марги шавҳараш ҳар гоҳ фарзанде ба дунё оварад, насабаш аз марди қазокарда собит мешавад.

5. Агар зани талоқгашта ба гузаштани иддааш иқрор намояд, он гоҳ дар муддати камтар аз шаш моҳ фарзанде таваллуд намояд, насаби тифл аз талоқдиҳанда собит мешавад.

6. Зане, ки айёми иддаи худро аз сар мегузаронад, дар сурате даъво намояд, ки тифли навзод аз ман таваллуд шудааст, бояд ба даврони пеш аз ҷудоии он зан таваҷҷуҳ шавад, агар осори ҳомилагӣ бар вай ба чашм мерасид ё шавҳар ба бордории вай эътироф намояд, дар ҳақиқат, он тифл аз ҳамон зан ба дунё омадааст ва ниёзе ба исботи дигар надорад. Дар ғайри ин сурат бояд ду мард ва ё як марду ду зан ба дурустии қавли зан шаҳодат диҳанд ва агар касе ҳам пайдо нашавад, ки ба ин амр шаҳодат диҳад, сухани зан беасос дониста мешавад.

7. Зане, ки шавҳараш даргузаштааст, агар қабл аз ду сол фарзанде ба дунё оварад ва ворисони шахси даргузашта ба дунё омадани тифлро аз он шахс тасдиқ намоянд, насаби тифл аз шахси мутаваффо (даргузашта) собит мешавад.

8. Марде бо зане ақди заношӯӣ барқарор намояд ва ҳанӯз аз таърихи бастани ақд шаш моҳ нагузашта, ки зан фарзанде ба дунё оварад, насаби навзод аз он мард собит намешавад. Агар фарзанд пас аз гузаштани шаш моҳи комил ё бештар аз он аз таърихи ақд ба дунё ояд, насаб аз шавҳар собит мешавад, хоҳ мард бо сароҳат онро эътироф намояд ва ё хомӯшӣ гузинад.

Вале агар мард вилодатро инкор намояд, бо шаҳодати як зан вилодат собит мешавад. Аммо агар шавҳар насабро комилан аз худ нафӣ (рад) намояд, яъне бигӯяд, ки ин фарзанд аз ман нест, дар ин сурат бояд лиъон баргузор шавад.

9. Вақте зан фарзанде ба дунё овард, дар сурате ки бо шавҳари худ бар сари таъйини таърихи издивоҷи худ ихтилофи назар дошта бошанд, мас., шавҳар мегӯяд муддати чаҳор моҳ мешавад, ки туро ба никоҳи худ даровардаам ва зан бошад, шаш моҳ шудааст, мегӯяд, дар ин ҷо шаръан гуфтаи зан мавриди тасдиқ қарор мегирад.

НИГАҲДОРӢ ВА ПАРАСТОРИИ КӮДАК

Парастorӣ (ҳизонат) дар истилоҳи шаръ ба маънои нигоҳубин, тарбият ва ислоҳи шаъни шахсе аст, ки аз тадбири мустақиллонаи корҳои худ оҷиз аст. Парастorӣ ва нигоҳубини кӯдак масъулияти шаръӣ ва воҷиби айн бар падару модар аст, бояд ӯро дуруст тарбият намоянд, хӯрду хӯрокашро омода созанд, сару либосашро бишӯянд ва хобу бедориашро зери назар гиранд. Вақте миёни онҳо ҷудоӣ афтод, аз дидгоҳи шаръ ва ба иттифоқи тамоми аиммаи дин модар ба сабаби шафқат ва нармии фитрие, ки дорад, ба нигаҳдорию парастории фарзанд сазовортар аст. Ривоят шуда, ки зане ба назди расули Худо (с) омад ва гуфт: Шикамам ин писарро бардошт, аз пистонам шир нӯшид ва дар оғӯшам рушд кард, аммо (имрӯз) падараш даъво дорад, ки ӯро аз ман мегирад! (Расули Худо (с) фармуд: ***«Ту ба вай муҳиқтар ҳастӣ то вақте ба никоҳ (шавҳар) набаромада бошӣ!»***.[1]

Дар сурате ки модар парастории фарзандашро нахоҳад ва ё бо сабабе аз он худдорӣ кунад, ба ин кор маҷбур сохта намешавад. Вақте модар мавҷуд набошад ва ё ба сабаби монеъе ҳаққи парастoриаш соқит гардад, модари модар ва агар вай ҳам набошад, модари падар аз

[1] ал-Мавсуату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 17. – С. 302, ба нақл аз Муснади имом Аҳмад.

хоҳарони[1] тифл ба парастории вай сазовортаранд. Вақте модари падар ҳам набошад, хоҳарони кӯдак аз аммаҳову холаҳо ва агар хоҳаре надошта бошад, хола аз амма сазовортар аст.

Дар сурате аз занҳои номбурда барои парастории кӯдак касе мавҷуд набошад, парасториаш ба зиммаи падар ва пас аз вай падари падар (бобокалон)-аш аст ва агар онҳо ҳам мавҷуд набошанд, пас аз мардон ҳар кӣ аз рӯи қаробат (хешовандӣ) бо вай наздиктар аст ва ба парасториаш рағбат дорад, ба ин кор авлотар мебошад.

Модару бибӣ то замоне ҳаққи парастории ва нигаҳ доштани писарбачаро дар назди худ доранд, ки хӯрдану ошомидан, либос пӯшидан ва ба қазои ҳоҷат рафтан бе кӯмаки касе аз дасташ биёяд ва он назди фақеҳони ҳанафӣ то синни ҳафтсолагӣ аст. Духтарро бошад, то ибтидои синни балоғат, ки назди фақеҳони ҳанафӣ нуҳсолагӣ пешбинӣ шудааст, парастории намоянд, он гоҳ онҳо бояд ба падар баргардонида шаванд.

Фақеҳони киром барои субути ҳаққи парастории шартҳоеро дар назар гирифтаанд, ки пас аз фароҳам омадани онҳо кӯдак ба парастор супорида мешавад, ки баъзеашон ом ва баъзеашон ба занон ва ё мардон хос мебошанд.

1. Ислом шарти аввали субути ҳаққи парастории барои мардон аст, зеро шахси кофир ҳаққи вилоят ва сарпарастии мусулмонро надорад. Назди машоихи ҳанафӣ барои зани парастор ислом шарт нест, агар кофири китобӣ ҳам бошад ба мисли зани мусулмон метавонад аз фарзандаш, то вақте хавфи таъсири куфру бединӣ дар вай эҳсос нашавад, парастории намояд, ба ҷуз зани муртад – аз дин баргашта, ки ҳаққи парастории надорад.

2. Амонати дар дин – аз назари ахлоқӣ ва динӣ эмин бошад. Бинобар ин, зани фоҷира – зинокор, дузд, шаробхор ва лаҳвкор бо корҳои ҳаром ва зани ноамн – беҳудагард ҳаққи парастории надорад, зеро кӯдак назди вай хор ва зоеъ мегардад.

3. Парастор ба бемории сироятқунанда ва ё нафратоваре, ба монанди барас, ҷузом ва монанди онҳо гирифтор набошад.

4. Амнияти ахлоқии муҳити иҷтимоӣ ва эмини ҷое, ки парастор дар он зиндагӣ мекунад, то барои рушди ахлоқӣ, равонӣ ва ҳифзи дороиҳои вобаста ба кӯдак ҳеҷ гуна хатаре эҷод нашавад. Ин шарт дар матнҳои фиққии моликиён дарҷ шудааст, ки дар замони мо барои ҳифзи муҳити солими тарбиявӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Яке аз мавонеъ ва пешомадҳое, ки ҳаққи парастории аз модар ва занони номбурда пас аз ӯ соқит месозанд, ин аст, ки онҳо ба шавҳар бароянд, пас бино ба фармудаи ҳадиси фавқ ба муҷарради баста шудани ақди никоҳ ҳаққи парасториашон аз кӯдак соқит мегардад. Аз назари фақеҳони ҳанафӣ он ба шавҳар кардани онҳо ба марди бегона – номаҳрам барои кӯдак тааллуқ дорад. Аммо агар ба яке аз маҳрамҳо ва бастагони наздики вай ба шавҳар барояд, метавонад бо ризояти шавҳараш аз фарзандаш парастории намояд.

Кӯдак бояд дар ҷое парастории шавад, ки падараш бе ҳеҷ гуна мумониат ва машаққате аз вай боздид карда тавонад. Бинобар ин, зани талоқгаштае, ки аз фарзандаш парастории мекунад, ҳақ надорад кӯдакро аз он шаҳре, ки падари кӯдак дар он ба сар мебарад, берун барорад, ба ҷуз он ҷое, ки зодгоҳаш буда ва ё ақди никоҳаш бо падари кӯдак қаблан дар он баргузор гардида буд. Агар ба ҷои дуртаре сафар намояд, ҳаққи парасториро бо он тафсиле, ки дар ин бора дар китобҳои фиқҳ омадааст, аз даст медиҳад.

Нафақа ва харҷи ширдиҳии фарзанд ба зиммаи падари кӯдак ва пас аз ӯ ворисонаш аст. Модар вақте фарзанди худро аз шавҳари қаблиаш парастории кунад ва ҳамчунин он заноне, ки пас аз вай ҳаққи парасториро доранд, метавонанд илова бар нафақа ва таъминоти фавқ, ки тибқи фармудаи Қуръон (2: 233) барои кӯдак ва парастор ҳар ду пешбинӣ шудаанд, боз музде ҳам аз падари кӯдак, агар доро бошад, ба ҳайси уҷраи парасториашон тибқи қарордоде, ки байни тарафайн сурат гирифта, талаб ва дарёфт намоянд. Дар ин сурат агар модар ва дигар занони парастор ҷои зисте надошта бошанд, бино бар қавли мухтор дар мазҳаб то манзил таъмин кардани онҳо – кироияи манзил низ бар падари кӯдак аст.[2]

[1] Хоҳар – ҳамшира, духтаре, ки бо писар ё духтари дигар аз як падар ё як модар ва ё як падару модар ба дунё омада бошад, ба маънои ухт дар забони арабӣ.

[2] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 264-268; ал-Мавсуату-л-

Давраи парастории писар дар синни 7-солагӣ ва духтар дар 9-солагӣ ба поён мерасад, пас аз он бояд маҷбуран ба падар баргардонида шаванд ва модар ҳаққи боздид аз фарзандонашро дар манзили падарашон дорад. Пас аз он то расидан ба синни балоғат дар назди падар боқӣ мемонанд. Вақте ба балоғат ва рушди фикрӣ расиданд, барои интихоби ояндаи зиндагӣ бо падар ва ё модар ихтиёр гузошта мешаванд, ҳатто агар зиндагонии мустақиллеро баргузинанд, он низ шаръан эътибор дорад.[1]

АҲАММИЯТИ ПАРАСТОРИИ КӮДАК АЗ НАЗАРИ ҚУРЪОН

Қуръони карим дар оят 233 сураи Бақара маҷмӯаи одоб ва аҳкомеро баён менамояд, ки бар асоси он падару модар дар сурати аз ҳам ҷудо гаштан низ бояд ҳуқуқҳо ва имтиёзоти тарбияи тифлро ҳифз намоянд. Зеро дар чунин ҳолатҳо эҳтимоли поймол гаштани ҳуқуқи фарзандони ширхора, бетаваҷҷуҳӣ ба тарбияи солими онҳо ва ё омили бар якдигар фишороварӣ қарор гирифтани онҳо зиёд мебошад. Албатта, дар сурате, ки зану шавҳар дар якҷоягӣ ва бо созгорӣ ба сар мебаранд, чунин мушкилоте пеш намеоянд, вале ба ҳар ҳол як силсила одоб ва муқаррароте аз ҷониби шаръ гузошта шудаанд, ки дар он ҳолат низ бояд риоя шаванд:

а) Дар ибтидо Худованд муҳлати шаръӣ ва табииеро, ки барои шир додан ва парастории тифлони ширхора зарурат дорад, баён менамояд ва ба модарон амр менамояд, ки кӯдакони худро ду соли пурра шир диҳанд. Ду сол шир додани кӯдак ҳам барои тақвияи сохтори ҷисмӣ ва ҳам барои таҳкими хусусиятҳои равонии ӯ зарурат дорад. Зеро шири модар дар даврони ширхорагии кӯдак муносибтарин ғизо барои вай ба шумор меравад ва аз сӯи дигар, бисёре аз хусусиятҳои ирсӣ дар ин муддат аз роҳи шири модар ба кӯдак интиқол меёбанд. Пас шири модар ҳам барои расонидан (тақвия)-и сохтори ҷисмӣ ва ҳам барои таҳкими ҷанбаҳои равонӣ ва наҷобати кӯдак аҳаммияти зиёд дорад.

Такмили ду сол барои модароне зарурат дорад, ки мехоҳанд даврони ширхорагии тифлро пурра ба поён расонанд. Аммо дар сурате, ки падару модар бо ризоят ва маслиҳати якдигар барои тарбияи беҳтари тифлашон ӯро пеш аз он муддат аз шир ҷудо намоянд ва ё ӯро ба тарбияи зани дигаре супоранд, дар ин кор шаръан ҳеҷ гуна мамнӯияте вуҷуд надорад. Пас муддати ду сол болотарин муҳлати ширхорагӣ ба шумор меравад ва такмили он беҳтар аст, на ҳатмӣ. **Ва модарон ба муддати ду соли комил фарзандонашонро шир медиҳанд ва ин (муҳлат) барои касе аст, ки мехоҳад даврони ширхорагиро ба таври пурра ба итмом расонад.**

б) Аммо таъмини хӯрду хӯрок ва пӯшоки модароне, ки ба нигоҳубин ва парастории (ширдиҳии) кӯдаконашон машғуланд, ба уҳдаи падари кӯдак мебошад ва онро бояд бо некӣ ва ба беҳтарин сурат ба ҷой оварад. Шаръан маълум аст, ки таъмини нафақа (хӯрду хӯрок, пӯшок ва дигар эҳтиёҷоти зиндагӣ) ва ҷои хоб (манзил)-и зан дар тамоми даврони заношавҳарӣ ба уҳдаи шавҳар мебошад. Дар ин муддат, агар узре вуҷуд надошта бошад, парастории ва шир додани фарзанд бар модараш воҷиб аст ва бе дархости музд ӯро бояд шир диҳад. Пас аз талоқ низ то давраи ба поён расидани муҳлати иддааш таъмини нафақа ва ҷои хобаш бар мард воҷиб аст. Аммо пас аз гузаштани муддати идда дигар ҳуқуқҳои зан бар шавҳари қаблиаш ва ҳамин тавр масъулиятҳои ӯ нисбат ба ҳамсараш комилан ба поён мерасанд ва зан ҳақ дорад, ки ба шавҳар барояд.

Вале агар вай аз шавҳари пешинааш тифли ширхоре дошта бошад, барои парастории ва шир додани он тифл худи вай авлотар мебошад, зеро модар ҳанӯз ҳам ба парастории ва нигоҳубини фарзандаш аз дигарон афзалият дорад. Пас дар сурате, ки модар пас аз гузаштани иддааш парастории ва шир додани тифлашро ба уҳда гирад, таъмини нафақаи вай, яъне хӯрду хӯрок ва пӯшокаш ба ғайр аз ҷои хоб дар муддати парастории тифл ба уҳдаи падари тифл мебошад ва мард онро бояд бо некӣ таъмин намояд. Зан метавонад онро ба сурати музди муайяне низ дарёфт намояд.

Ба ҳар ҳол, ин кор бояд муносиб бо вазъи иҷтимоӣ ва имконоти молиашон сурат бигирад

фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 17. – С. 312.

[1] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 5. – С. 276-277; ал-Мавсуату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 17. – С. 314.

ва ҳеҷ касе болотар аз ҳадди тавоноияш мавриди таклиф ва бозхост қарор намегирад. Дар сурати хуб будани вазъи молии мард нафақаи беҳтар, дар ҳолати миёна будан нафақаи миёна ва дар сурати бад будани вазъи молиаш нафақаи фақирона аз ӯ талаб карда мешавад. **Ва бар мавлудун лаҳ (падари тифл) таъмини хӯрду хӯрок ва пӯшоки онҳост бо некӣ ва ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф (уҳдадор) карда намешавад.**

в) Дар ҳеҷ ҳолат набояд ба модар ва ё падари тифл зарар расонида шавад. Агар модар бо узре ва ё бо сабаби дигаре аз шир додани фарзандаш худдорӣ намояд, пас набояд бо суиистифода аз муҳаббати модариаш ӯро зери фишор қарор диҳад. Ҳамчунин, набояд падари тифлро бо истифода аз вазъияти сахти баамаломада бо талаби музди бештар ва ё дархостҳои сангин ба зарарҳои равонӣ ва молӣ рӯ ба рӯ сохт. Яъне на модар ба хотири фарзандаш ба машаққат андохта шавад ва на падар. **Ва на модар ба сабаби фарзандаш ва на падар ба сабаби фарзандаш набояд зарар расонида шаванд**.

Ин қонуни дақиқест, ки марду занро ҳатто пас аз ҷудоӣ ба ҳамкорӣ ва ҳусни муошират фаро мехонад ва онҳоро аз зоеъ сохтани ҳуқуқҳои тифлашон, ки дар ҷудоии онҳо ҳеҷ дахле надорад, барҳазар медорад. Оё қонуне беҳтар аз ин метавон пайдо кард, ки бо ба танзим даровардани муносибатҳои марду зан дар буҳронитарин давраи зиндагониашон муҳити солимеро барои тарбияи фарзанд ба вуҷуд оварад?

Ҷолиб он аст, ки дар қонунгузории илоҳӣ бо гузоштани маҷмӯаи меъёрҳои дақиқи ҳукмӣ иктифо нагаштааст, балки таъбироти зебои қуръонӣ мавзӯъро ба сурате мавриди муолиҷа қарор додааст, ки инсонро ба сӯи каромати инсонӣ ва зиндагонии пуразриш ҳаракат медиҳад. Занро бо калимаи волида (модар ва бавуҷудоварандаи тифл) ва мардро бо ибораи мавлудун лаҳ (падар ва касе, ки тифл ояндаи ӯст) хитоб намуда, эҳсосоти гарми падариву модарӣ ва меҳрубонии онҳоро нисбат ба тифл бармеангезад ва ҳатто тифлро бо калимаи валад, яъне зодаи онҳо зикр менамояд.

Қуръон бо ин равиши бемонанди худ нахуст онҳоро аз назари равонӣ барои парастории, нигоҳубин ва ҳар гуна гузаштҳо дар роҳи тарбияи солими фарзандашон омода месозад ва баъдан аҳкоми шаръӣ ва меъёрҳои ахлоқиро дар бораи тарбияи фарзанд бар фарози зиндагонии онҳо қарор медиҳад. **Ва бар мавлудун лаҳ (падари тифл) таъмини хӯрду хӯрок ва пӯшоки онҳост бо некӣ ва ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф (уҳдадор) карда намешавад. На ба волида (модар) ба сабаби фарзандаш ва на ба мавлудун лаҳ (падар) ба сабаби фарзандаш набояд зарар расонида шавад**.

г) Агар падари тифл аз дунё гузашта ва тифл ятим бошад, тамоми ҳуқуқҳо ва масъулиятҳои сарпарастӣ, нигоҳубин ва таъмини нафақаи модарони ширдеҳ ба ворисони мурда ва ё тифл интиқол меёбанд. Агар як ворис дошта бошад, ҳама ба уҳдаи ӯст, вале агар бештар аз он бошанд, ба андозаи ҳиссаи ирсашон парастории тифли ятим ба уҳдаашон мегардад ва шаръан муваззаф ҳастанд, ки он масъулиятҳоро ба некӣ ва ба равиши писандида анҷом диҳанд. Ин ворисон иборатанд аз бародарони бузург, бобӣ, бибӣ ва дигарон. **Ва бар ворис низ мисли он (аҳкомест, ки ба уҳдаи падари тифл буд)**.

ғ) Агар падару модар бо ризоят ва машварати якдигар хостанд тифлашонро пештар аз ду сол аз шир ҷудо созанд, ин кор бар онҳо гуноҳе нест. Дар сурате, ки модар узре дошта бошад, ки парастории тифлашро идома дода натавонад, ё ба шавҳар барояд ва ё барои кӯдак ҳолате пеш ояд, ки аз шир ҷудо шудан барояш беҳтар бошад, онҳо метавонанд бо маслиҳат ва ризояти якдигар ӯро аз шир ҷудо созанд. Ҳатман, ин кор бояд бо розигӣ ва машварати якдигар анҷом гирад, то ба ихтилоф ва низоъи онҳо наанҷомад. Зеро дар он сурат хушунат ҷои муҳити солими тарбияи тифлро мегирад. **Ва агар онҳо бо ризоят ва машварати якдигар пеш аз муҳлат ҷудоии тифлашонро аз шир бихоҳанд, бар онҳо (дар ин кор) гуноҳе нест.**

д) Вақте бо дарназардошти парвариш ва тарбияи беҳтари кӯдак хостед зани дигаре ғайр аз модараш ба вай шир диҳад, ин кор низ шаръан гуноҳ ва мамнӯияте надорад, ба шарте муздашонро ба некӣ пардохт намоед. **Ва агар хостед фарзандони худро барои парасторӣ (ширдиҳӣ) ба занони дигаре бисупоред, ба шарте он чиро, ки (ба онҳо) медиҳед, бо некӣ пардохт намоед, бар шумо гуноҳ (ва мамнӯияте) надорад.**

Дар сурати парастории модар – вақте аз падари тифл ҷудо шуда бошад, таъмини нафақаи вай бар падари тифл воҷиб буд ва онро ба сурати музд ҳам метавонист дарёфт намояд. Илова бар ин, муҳаббати модарӣ низ бар сари тифл соя афканда буд ва ин ҳолат имкони баъзе гузаштҳоро ба вуҷуд меовард. Аммо дар мавриди зани дигаре, ки ба сифати доя барои парасторӣ ва ширдиҳии кӯдак иҷора мешавад, Қуръон пардохти комили ҳуқуқи ӯро талаб намудааст. Ин нукта барои он бо ин тафовут зикр гардидааст, ки зани дигар танҳо барои дарёфти музди кораш ӯро нигоҳубин менамояд, на барои меҳри модариаш. Тифл низ аз доя танҳо як чиз – парасторӣ ва нигоҳубини моддиро ба даст меоварад. Бинобар ин, музди муайяни онҳо бояд сари вақт ва ба таври пурра пардохта шавад, то дар тарбияи кӯдак сустие аз худ нишон надиҳанд ва ин кор ба тарбияи дурусти вай кӯмак менамояд.

Ба ҳар ҳол, бояд тарс ва тақвои Худоро дошта бошанд ва Ӯро аз тамоми аъмоли хеш огоҳ бидонанд. Тарси Худо ва эҳсоси муроқабати Ӯ шахсро бо камоли рағбат ба риояи дақиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва муқаррароти шаръӣ водорад. Ин пойгоҳи имонӣ ҳамчунин ӯро ба ҳифзи ҳудуд ва мамнӯоти дини Худо бештар пойбанд мегардонад. **Ва (дар ҳар ҳолате) тарс (ва тақво)-и Худоро дошта бошед ва бидонед, ки Худо ба он чи анҷом медиҳед, биност**.

Аз муҳтавои умумии оят бармеояд, ки дар чунин ҳолат агар модари тифл барои парасторӣ ва шир додани фарзандаш изҳори омодагӣ намояд, аз назари шаръ барои ин кор вай аз дигарон авлотар мебошад. Озмоишҳои лабораторӣ низ нишон медиҳанд, ки таркиби химиявии шири занон дар баъзе хусусиятҳо аз якдигар фарқ мекунад ва шири модари аслиаш барои рушди сохтори ҷисмӣ ва тавозуни отифӣ ва равонии вай аз ҳама муносибтар аст.

е) Аз ин тавсияи қуръонӣ таъсири шир ва ширхорагӣ ба таври куллӣ дар рушди сохтори ҷисмӣ, ташаккули шахсият ва бинои сифоти шахсии тифл дар он ду сол ба хубӣ маълум мегардад. Пажӯҳишҳои илмӣ дар ин бора собит намуда, ки шир ва раванди ширхорагӣ дар ин давра дар тақвияти қобилияти масунияти бадан (иммунитет), сохтани бахше аз сифатҳои хусусӣ (индивидуалӣ) ва интиқоли хусусиятҳои виросатӣ (генетикӣ) таъсири амиқ ва осори мондание дорад, ки то поёни умр аз вай ҷудо намегарданд. Ин ҷост, ки фалсафаи ҳукми разоат ва пайвандҳои хешовандие, ки бар асоси қонунгузории шаръ аз ин тариқ дар байни ширдеҳ ва ширхора собит мегарданд, бароямон равшантар мегардад.

Ин тавсияи фарогири қуръонӣ дар бораи ширхорагӣ ҳамчунин аҳаммияти шири табиии модар ва таъсири раванди ширдиҳиро дар он муддат бар шахсияти тифл баён медорад ва зимнан ишороти дақиқе ба абъоди густардаи таъсирот ва моҳияти беҳдоштии он намудааст, ки нукоти муҳимми онро бо ихтисор зикр менамоем:

1. Шири модар аз ҷиҳати таркиби химиявӣ, сифатҳои табиӣ ва ҳаҷми худ муносибтарин ғизо барои тифл дар тӯли давраи ширхорагӣ мебошад ва аз муъҷизоти Офаридгор аст, ки таркиби химиявӣ, сифатҳои табиӣ ва ҳаҷми он дар таносуб бо тағйири аҳвол, вазн, эҳтиёҷоти ғизоӣ ва вазъи саломатии тифли ширхора тағйир меёбанд. Дар ҳафтаи аввали умри тифл шири модар нисбат ба ҳафтаҳои баъдӣ маводи зиёди протеинӣ, ҳуҷайраҳои сафеди хун, витаминҳо, ба хусус витамини А ва моддаи лактофлавини оҳандор (витамини B_2) ба ҳамроҳ дорад ва таркиботи чарбӣ ва маводи карбогидратӣ дар он хеле кам аст.

2. Чарбиҳои таркиби шири модар чарбиҳои одӣ ҳастанд, ки ҳазм ва ҷабиши онҳо ҳамроҳ бо туршӣ (кислота)-ҳои чарбидор барои меъдаи тифл хеле осон аст. Маводи карбогидратӣ низ дар он аксаран ба шакли лактоза вуҷуд доранд, ки ҳазми онҳо осон аст ва намакҳо ҳам ба андозаи муайяне дар он вуҷуд доранд, ки ҷабидан ва ҳазми онҳо дар организм бо суҳулат анҷом мегирад. Ҳамчунин дар шири модар ба андозаи зарурӣ витаминҳо ва хамира (анзим=фермент)-ҳо барои кӯмак дар ҳазми маводи химиявии таркиби он вуҷуд доранд.

3. Шири модар аз сӯи Худованд ба таври табиӣ пастеризатсия ва безарар (дезинфекция) гардонида шуда, аз ҳар гуна олудагиҳо, микробҳо ва ангезандаҳои бемориҳо холӣ аст, ба хусус вақте модар аз занони покиза ва ботаҳорат бошад. Илова бар ин, ин шири фитрӣ ҳамеша тару тоза ва барои тағзия омода аст ва

дар тобистону замистон дар дараҷаи ҳарорати муносиб ва дар ҷои эмин нигаҳдорӣ мешавад.

4. Дар таркиби шири модар антибиотикҳои гуногун ва маводи таҳвияткунандаи системаи масунияти бадан (иммунитет) ба андозае вуҷуд доранд, ки тифли ширхораро дар он давра аз бемориҳои зиёде, аз қабили ҳассосият (аллергия), исҳол, хунравии дарунӣ, шикамдард ва ғайра нигаҳ медоранд ва заминаи рушди солими ӯро дар оянда фароҳам меоваранд.

5. Разоати табиӣ барои модар низ фоида дорад, зеро он дар фаъол сохтани тарашшуҳоти ғадудҳои гуногун дар ҷисм мусоидат менамояд ва он ба навбати худ дар эҷоди оромиши равонӣ ва ҷисмонӣ ба вай кӯмак мерасонад. Ҳамин тавр он дар барқарор гардидани ҳаҷми табиии раҳм (заҳдон) ва тавоққуфи хунравии пас аз зоймон (нифос) бо эҷоди ҳамоҳангии физиологӣ мусоидат мекунад.

Аз сӯи дигар, тарашшуҳоти ғадуди (гормонҳо)-е, ки масъули сохтани шир ҳастанд, айнан ҳамонҳо вазифаи боздоштани ҷараёни пайдоиш ва ифрози тухмҳуҷайраро дар ҷисми зан анҷом медиҳанд ва то вақте амалияи сохтани шир идома дошта бошад, онҳо аз бордоршавии дубора пешгирӣ менамоянд.

6. Таҳқиқоти илмӣ дар ин бора ахиран собит намуда, ки дар шири ҳайвонот, ба хусус шири гов, чандин навъи аминокислотаҳо вуҷуд доранд, ки миқдори онҳо дар ин ширҳо нисбат ба шири одам аз се то чаҳор баробар зиёд мебошад ва гоҳо истеъмоли он ширҳо ба афзоиши нисбати онҳо дар хуни ширхора меанҷомад ва боиси ихтилолоти зеҳнӣ ва ё сустии рушди қобилиятҳои ақлӣ дар вай мегардад.

Ин дар ҳолест, ки парвариши кӯдакон бо шири ҳайвонот, ба хусус шири гов, заминаи мусоиде барои интишори бемории қанд дар байни тифлони ширхора ба вуҷуд меоварад. Зеро шири гов дар таркиби хуни ширхора ҷисмҳои бегона (антитела)-ро ба вуҷуд меоварад, чунки энзим (фермент)-ҳои ҳозима ҳанӯз протеинҳои печидабофти таркиби шири говро шикаста наметавонанд ва ин ҷисмҳои бегона бахше аз ҳуҷайраҳои ғадудҳои зери меъдаро, ки вазифаи тарашшуҳи моддаи инсулинро ба уҳда доранд, аз байн мебаранд. Аммо пас аз синни ду солагӣ, ки даврони ширхорагӣ ба поён мерасад, пардаи луъобии дохили дастгоҳи ҳозима пуркувват мегардад ва кӯдакро дигар аз чунин осебпазириҳо ҳифз менамояд. Бинобар ин, шири модар барои тифл то такмили давраи ширхорагӣ муносибтарин ғизо ба шумор меравад ва поку баландмартаба аст он Худое, ки ҳазору чаҳор саду чанд сол қабл ба модарон тавсия намуд, ки: **«Ва модарон фарзандони худро ду соли комил шир медиҳанд…»** ва бо ҳамин ҳам кафолатҳои ҳуқуқии тифлро бо беҳтарин ваҷҳ таъмин намуда ва ҳам наслҳои умматро аз чунин зарарҳо ва осебпазириҳо, ки заминаи онҳо дар шахс дар давраи ширхорагӣ пайдо мегардад, эмин доштааст.[1]

НАФАҚА ВА ТАЪМИНИ НИЁЗҲО

Нафақа бо яке аз се сабаб ва ё воситаи пайванди хешовандӣ воҷиб мегардад: ба сабаби никоҳ дар байни зану шавҳар, ба сабаби қаробати насаб дар байни усулу фуруъ ва дигар бастагони шахс ва ба сабаби милк (субути моликият).

а) Гурӯҳи аввал, ки нафақаи онҳо ба сабаби никоҳ воҷиб мегардад, иборат аз зан аст, вақте ба никоҳи марде даромад, нафақаи вай бар шавҳараш ба он тафсиле, ки дар қонунгузории ислом барои ин кор пешбинӣ шудааст, воҷиб мегардад.

1. Нафақаи зан бар шавҳар ба шарте воҷиб аст, ки зан дар хонаи шавҳар ба сар барад ва бечуну чаро тарҳи (барнома) зиндагӣ ва масири ҳаёти худро дар ихтиёри вай бигзорад, фарқе надорад, ки зан мусулмон бошад ё кофир.

2. Нафақа аз хӯрок, пӯшок, ҷои зист ва дар сурати хуб будани вазъи маишӣ-иҷтимоии мард аз ба хидмат гирифтани хидматгоре иборат аст.

3. Дар баровардани нафақа вазъи маишӣ-иҷтимоии зану шавҳар дар назар дошта мешавад. Аз боби мисол, вақте зану шавҳар ҳар ду сарватманд бошанд, нафақаи сарватмандона бар мард лозим мегардад ва дар сурати фақиру бенаво будани ҳар ду нафақаи фақирона ва муносиб ба ҳолашон ва агар зан бенаво ва мард сарватманд бошад, нафақаи миёнаҳолонае воҷиб мебошад.

Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

[1] Баргирифта аз Тафсири навини Қуръони карим, таълифи худи муаллиф, дар зимни тафсири ояти 233 сураи Бақара.

لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِۦ ۖ وَمَن قُدِرَ عَلَيْهِ
رِزْقُهُۥ فَلْيُنفِقْ مِمَّآ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُ ۚ لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ
نَفْسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَا

«(Одами кушодаҳол ва) доранда бояд бо кушодадастӣ (дар нафақаи ҳамсараш) инфоқ намояд ва касе (дари) ризқ бар вай танг гардидааст, пас бояд аз он чи Худо ба ӯ додааст, инфоқ намояд. Худо аз касе, ба ҷуз он чӣ ба ӯ додааст, талаб наменамояд…».[1]

Ҳарчанд ин оят нафақаи даврони иддаи занонро баён менамояд, вале меъёри муайяннамудаи он дар тамоми мавридҳои дигари нафақа муътабар мебошад.

4. Дар сурате зан пас аз дарёфти маҳри худ хонаи шавҳарро тарк намояд, агар ин амали вай ба унвони носозгорӣ бошад, то замоне ба хонаи шавҳар барнагардад, нафақае барояш лозим намебошад, яъне мард аз расонидани нафақааш озод аст, Вале агар рафтани ӯ аз хонаи шавҳар бо ин мақсад набошад, мард бояд нафақаи вайро бирасонад.

5. Вақте зан аз рӯи хурдсолӣ қобили унсу муошират (ҳамбистарӣ) набошад, нафақае барояш воҷиб нест. Аммо агар шавҳар бинобар хурдии солаш қудрати бо зан ҳамбистар шуданро надошта бошад ва зан расида (бузург) аст, нафақаи вай бояд аз моли шавҳараш бароварда шавад.

6. Зан агар ба сабаби қарздорияш ба ҳабс гирифта шавад, дар сурате ки бо вуҷуди қудрати пардохти қарз аз додани он сар печида бошад, нафақаи вай аз зиммаи шавҳараш соқит мешавад. Вале агар аз пардохти он оҷиз мондааст, дар ин сурат нафақаи вай бар мард дар даврони маҳбусияш низ лозим аст.

7. Агар зан бо маҳрами дигаре ғайр аз шавҳар ба сафари ҳаҷ барояд, нафақааш дар муддати он сафар бар зиммаи шавҳар нест, вале агар дар ин сафар бо шавҳар ҳамроҳ бошад, нафақааш бар шавҳар воҷиб аст, аммо кирояи роҳ бар зиммаи худи зан мебошад.

8. Дар сурате зан дар хонаи шавҳараш бемор ва бистарӣ бошад, бар мард нафақаи вай лозим аст.

9. Вақте зан бемор бошад ё натавонад хӯрок омода намояд, мард ба ҳар сурате маслиҳат мебинад, хӯрду хӯроки хонаро омода созад. Дар ғайри ин сурат зан бояд дар ҳадди тобу тавони худ пухту паз ва дигар корҳои хонаро анҷом диҳад. Зеро паёмбари акрам (с) корҳои зиндагиро дар миёни ҳазрати Алӣ (рз) ва Фотима (рз) тақсим намуданд. Корҳои хориҷи хонаро ба ҳазрати Алӣ (рз) вогузошта, корҳои дохилиро аз ҷумлаи масъулиятҳо ва вазифаҳои ҳазрати Фотима (рз) донистанд. Ин дар ҳолест, ки ҳазрати Фотима (рз) саййида ва сарвари тамоми занони олам аст.[2]

10. Дар сурате шавҳар аз нафақаи занаш сар бипечад, додгоҳи шаръ ба зан иҷозат медиҳад, то барои нафақаи худ қарз бигирад ва ба ҳукми додгоҳ он қарз аз моли шавҳар пардохта мешавад.

11. Дар сурате мард муддате нопадид (ғоиб) гардад, вале сарвате аз худ бар ҷой гузошта бошад, додгоҳи шаръ аз моли барҷой гузоштааш барои зан, фарзандони хурдсол ва падару модараш миқдоре нафақа муайян менамояд. Ин амр дар сурате анҷом мегирад, ки зан ба се чиз: дарёфт накардани нафақааш аз мард, талоқ нагардиданаш ва агар талоқ шуда бошад, сипарӣ нагаштани иддааш савганд ёд намояд ва аз вай васиқаи замонат (забонхат) гирифта шавад.

12. Барои зан ҳамин тавр нафақа ва ҷои зист дар муддати иддааш лозим мебошад, чи иддаи талоқи боинро аз сар гузаронад ва чи иддаи талоқи раҷъиро. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

أَسْكِنُوهُنَّ مِنْ حَيْثُ سَكَنتُم مِّن وُجْدِكُمْ وَلَا
تُضَآرُّوهُنَّ لِتُضَيِّقُوا۟ عَلَيْهِنَّ ۚ وَإِن كُنَّ أُو۟لَٰتِ حَمْلٍ
فَأَنفِقُوا۟ عَلَيْهِنَّ حَتَّىٰ يَضَعْنَ حَمْلَهُنَّ

«Онҳоро (дар муддати идда) аз он ҷое, ки тавоноии шумо бар сукунат аст, ҷой диҳед ва зарар нарасонед, то (доираи зиндагиро дар канори худ) бар онҳо танг созед ва агар бордор бошанд, то вазъи ҳамлашон бар онҳо инфоқ намоед».[3]

[1] Сураи Талоқ, 65: 7.

[2] Фатовои Шомия, маъруф ба «Ҳошияи Ибни Обидин», китоби талоқ, боби нафақа. – Ҷ. 5. – С. 231.

[3] Сураи Талоқ, 65: 6.

13. Зане, ки шавҳараш даргузаштааст, дар айёми идда нафақа надорад.

14. Агар миёни марду зан ба сабаби исёне (гуноҳе), ки сабабгори он зан бошад, ҷудоӣ афтод, ба мисли ин ки зан аз дин баргашт (муртад шуд), ё писари шавҳари худро бӯсид, зан дигар нафақае надорад, яъне дар айёми гузаронидани муддати идда нафақааш аз зиммаи мард соқит мешавад.

15. Агар марде занашро се талоқ кард ва зан дар айёми иддаи худ аз дини ислом баргашт, дар ин сурат низ нафақае надорад, яъне он аз зиммаи мард соқит мегардад, аммо агар дар идда писари шавҳарашро бо фиреб ба худ ҳамбистар намуд, ба сабаби ин кор нафақааш аз мард соқит намегардад.

Агар зан дар никоҳи мард бошад, яъне талоқ нашуда бошад, наметавонад барои шир додани тифл аз шавҳараш музд талаб намояд, вале ҳақ дорад, ки вайро шир надиҳад.

16. Зан метавонад барои шир додани фарзанди шавҳараш, ки аз зани дигараш мебошад, музд талаб намояд.

17. Пас аз гузаштани идда, агар падар барои шир додани тифли хурдсолаш бо ширдиҳандаи дигаре қарордод бандад, ба шарте модар низ моил бошад бо ҳамон маблағ шир диҳад, модар дар ин ҳолат авлотар аст.

б) Гурӯҳи дуюм, ки нафақаи онҳо ба сабаби қаробати насаб собит мегардад, аз усулу фуруъ – фарзандон ва падару модар ва дигар хешовандони завиларҳом – бародар, писари бародар, хоҳар, амак, амма, тағо ва хола иборатанд. Нафақаи дигар хешовандон – ғайр аз завиларҳоми номбурда бар шахс воҷиб нест, вале агар аз боби табарруъ ва мурувват ба онҳо кӯмак намояд, шаръан хуб аст. Гоҳе нафақаи фарзандон бар падар ва гоҳе нафақаи падару модар бар фарзандон ва дар ҳолатҳои хоссе нафақаи хешовандони завиларҳом бар шахс воҷиб мегардад, ки тафсил ва шароити онҳо дар фиқҳи исломӣ бо диққат баён гардидааст.

1. Нафақаи фарзандони хурдсол бар падар воҷиб аст. Дар сурате ки фарзанд ширхора бошад ва миёни падару модар ҷудоӣ афтод, модар метавонад дар ивази шире, ки ба тифл медиҳад, аз падари тифл музд талаб намояд, ё ӯро шир надиҳад. Дар сурати ахир падарро лозим меояд, ки бо ширдиҳандае қарордод бандад, то он тифлро дар назди модараш шир диҳад.

2. Нафақа ва нигоҳубини падару модар ва бобою бибӣ, ба шарте тангдаст бошанд, бар писар воҷиб аст, ҳарчанд мусулмон ҳам набошанд.

3. Дар сурати гуногунмаслакӣ ва дигардинӣ танҳо барои зан, падару модар, бибиву бобо, фарзанд ва фарзандони фарзанд, агар номбурдаҳо мусулмон ҳам набошанд, нафақа лозим мебошад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَصَاحِبْهُمَا فِي ٱلدُّنْيَا مَعْرُوفًا

«Ва онҳоро дар дунё бо некӣ ҳамроҳӣ (ва хидмат) намо».[1]

4. Барои соҳибмаҳрамон низ, чун холаву амма, дар сурате тангдаст бошанд, нафақа лозим аст.

5. Нафақаи духтари ба балоғат расида ва писари барҷомонда ба нисбати аз се ду ва аз се як ҳисса бар падару модар лозим аст, яъне аз се сӯм ду сӯм бар падар ва як сӯм бар модар лозим аст.

6. Дар сурате ки писари нопайдо (ғоиб) аз худ молу сарвате ва дар айни ҳол падару модари бенавову мустаҳиққе бар ҷой гузошта бошад, падару модар метавонанд барои нафақа ва баровардани ниёзҳои худ аз молаш харҷ намоянд.

7. Шахси ғоиб агар дар назди дигаре пулу моле гузошта бошад, бояд бо иҷозат ва ҳукми додгоҳи шаръ аз он пулу мол харҷи зиндагонии падару модараш бароварда шавад. Дар сурате он шахс бе иҷозати додгоҳ харҷи онҳоро аз он пулу мол дод, он шахс зомин мегардад, яъне ба мурофиа ва ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Агар додгоҳи шаръ барои нафақаи падару модар ва хешовандони шахс маблағе муайян намояд ва пас аз муддате онҳо маблағро дарёфт накарданд, нафақаи айёми гузаштаашон (дарёфт накардаашон) соқит мешавад. Вале агар додгоҳ ба онҳо иҷозати қарз гирифтан ба ҳисоби он шахсро дода бошад, бояд қарз пардохта шавад. Аммо агар барои ҳамсари шахс аз ҷониби додгоҳ нафақае муайян гардид, зан ҳар гоҳ, ки бихоҳад, метавонад онро дарёфт намояд.

9. Нафақаи шахси оҷизе, ки сарпараст надорад, бар байтулмол ва хазинаи давлат аст, зеро нигоҳубини муҳтоҷон, дармондагон ва оҷизо-

[1] Сураи Луқмон, 31: 15.

ни бесарпараст бар зиммаи он аст ва бахше аз масрафҳои закот, ки ба хазинаи давлат ворид мешаванд, дар онҳо сарф мегардад.

в) Гурӯҳи сеюм, ки нафақа ва нигоҳубини онҳо ба сабаби субути моликият воҷиб мегардад, иборатанд аз милки ямин, ки имрӯз дигар вуҷуд надорад ва аз ҳайвонот ва чаҳорпоёне, ки ба сурати моликияти томма ва ё ориятан ва ба таври муваққат дар ихтиёр ва тасарруфи шахс қарор доранд.

1. Шахсе молики ҳайвоноти ҳалолгӯшт, ба монанди гову гӯсфанд ва ғ. ва ё ғайри ҳалолгӯшт, ба монанди хару сагу гурба ва ғ. бошад ва онҳоро дар хона нигаҳ дорад, шаръан бар вай воҷиб аст, ки онҳоро ба андозаи кофӣ обу хӯрок диҳад ва ташнаву гурусна нагузорад, зеро дар ин бора ваъид ворид шудааст, ҳамон гуна ки дар ҳадис омадааст: ***«Зане ба сабаби гурбае ба азоб гирифтор шуд ва ба оташ даромад, чун онро дар хонааш ҳабс кард ва дигар на обу хӯрокаш дод ва на гузошт, ки худаш аз ҳашароти замин бихӯрад, то он ки (аз ташнагиву гуруснагӣ) ҳалок гардид»***.[1]

Агар аз нигоҳубин дурусти онҳо худдорӣ варзад, бар асоси назароти машоихи ҳанафӣ бояд аз сӯи додгоҳ ба ин кор амр ва тавсия шавад. Назди бузургони моликӣ вақте соҳибашон аз нигоҳубинашон ибо кунад ва ё оҷиз бошад, пас бо фурӯхтан ва ё садақа ва ҳиба кардан аз дасташ берун оварда шаванд. Назди машоихи шофеъӣ агар ҳайвоноти ҳалолгӯшт бошанд, соҳибашон бояд яке аз се корро анҷом диҳад, ё онҳоро хуб нигоҳубин намояд ё бифурӯшад ва ё забҳ намояд, агар ҳаромгӯшт бошанд, онҳоро бояд ё нигоҳубин намояд ва ё бифурӯшад.

2. Нафақа ва нигоҳубини ҳайвоне, ки барои анҷоми коре ба орият гирифта мешавад, назди бузургони моликӣ ва аксари машоихи шофеъӣ ва ҳанбалӣ дар давраи истифодаи ориятгир ҳам бар молики он аст, зеро агар обу алафи он бар ориятгир бошад, он навъе аз кироя ба ҳисоб меравад. Аммо назди машоихи аҳноф обу алаф ва нигоҳубини он бар шахси ориятгир аст.

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 3318, 3482; Саҳеҳи Муслим, 5813-5819 (2242-2243)-151-152.

ИСҚОТИ ҲАМЛ (ИҶҲОЗИ ҶАНИН)

Иҷҳоз дар луғат ба маънои исқоти ҳамл ва ноқисулхилқат (нотамом) ва ё ноқисулмуддат (пеш аз вақт) партофтани ҷанин аст. Корбурди он дар истилоҳи шаръ низ аз ин маъно берун набудааст.

Иҷҳоз ё пас аз истиқрори нутфа дар раҳми модар ва пеш аз дамида шудани рӯҳ дар он сурат мегирад ва ё пас аз дамидани рӯҳ. Рӯҳ дар ҷанин пас аз рушди чандмарҳалаии он ва расидан ба тамоми хилқат дамида мешавад ва он бино ба фармудаи расули Худо (с) дар ҳадиси саҳеҳе, ки аз Ибни Масъуд (рз) ба таври марфуъ ривоят шуда, пас аз гузашти саду бист рӯз аз рӯзи истиқрори нутфа дар раҳм сурат мегирад. ***«Хилқат (офариниш)-и ҳар кадоме аз шумо дар батни модараш ба муддати чиҳил рӯз ба шакли нутфа ҷамъ оварда мешавад (таквин дода мешавад), он гоҳ ба мисли он алақа (хуни баста ва мавҷуде шулукмонанд), он гоҳ ба мисли он гӯштпорае мебошад. Пас аз он фариштаи фиристода мешавад ва дар вай рӯҳ медамад...»***.[2]

1. Бинобар ин, иҷҳози ҷанин пас аз дамида шудани рӯҳ бо иттифоқи тамоми аимма ҳаром аст, қатли нафс ба шумор меравад ва бар сабабгори он ғирра – бахше аз дия воҷиб мегардад. Ҳатто агар нигаҳ доштани он ба ҳаёти модар хатаре эҷод намояд ва бими ҳалокаташ пеш ояд ҳам иҷҳози он ба тариқи пора сохтан ҷоиз нест. Аммо агар ҷанин мурда бошад, иҷҳози он бо пора сохтан ҳам ҷоиз аст[3] ва агар иҷҳози он мушкил гардад, пас бояд ба тариқи амалия ҷарроҳӣ (қайсарӣ) – чок кардани паҳлӯи чапаш берун оварда шавад.[4]

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 3208, 3332, 6594, 7454; Саҳеҳи Муслим, 6665 (2643)-1.

[3] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 171, 172.

[4] Аз назари таълимоти ислом нафси инсон маъсум ва дорои мақоме аст, ки қатли он ба ҳеҷ ваҷҳ, ба ҷуз мавридҳои пешбинишуда дар қонуни ҷиноӣ, ҷоиз нест, балки баръакс ҳифзи нафс ва ҷони одамӣ яке аз куллиёти панҷгонаи мавриди ҳимояти қонун дониста шудааст. Қуръони карим мефармояд: **«Ва он нафсеро, ки Худо ҳаром гардонида, ба қатл нарасонед, магар бо ҳақ!»** (Анъом, 6:151; Исро, 17:33). Фақеҳони киром ин фармудаи шаръро шомили ҳаёти ҷанин низ дониста ва қатли онро ба тариқи иҷҳоз ҳам ҷоиз нашуморидаанд, ба ин маъно, ки иҷҳоз, ба хусус пас аз марҳалаи дамида шудани рӯҳ дар ҷанин қатли

Иҷҳози ҷанини зиндаро гарчанде ҳалокати модар аниқ ва муҳаққақ бошад ҳам, фақеҳони мутақаддим ҷоиз надонистаад, вале дар ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия (Ҷ. 2. – С. 57) онро дар ин ҳолат ҷоиз дониста пас аз зикри назари фақеҳон ва шиддати эҳтимоми онҳо ба ҳаёти ҷанин дар поварақӣ овардааст: Кумита (-и мураттибони Мавсуа) бар ин назараст, ки фақеҳон ба ҳаёти ҷанин чандон эҳтимом варзидаанд, ки ба назар мерасад қариб ҳаёти модарро барои ҳифзи он фидо кардаанд. Вале беҳтар он аст, ки вақте боқӣ мондани ҷанин барои ҳаёти модар хатар эҷод намояд, онро фидои модар намоянд, зеро вай асл аст ва дар сурати қурбон шудани ӯ тифл ҳам зинда наменомонад.

2. Дар бораи иҷҳоз пеш аз дамида шудани рӯҳ – қабл аз чаҳормоҳагии ҷанин ба сабаби набудани насси сареҳе дар ин бора, ҳатто дар байни уламои як мазҳаб ақволи гуногун ва назароти мухталиф вуҷуд дорад, вале қавли муътамад дар назди бузургони аҳноф он аст, ки дар ҳолати зарурат ва бо узр ҷоиз аст, вале бе узр ҳалол – ҷоиз нест. Яке аз ин узрҳо ба гуфтаи Ибни Ваҳбон[1] хушк шудани шири зани ширдеҳ аст, вақте падараш имкони пардохти музди кирояи дояеро надошта бошад.

Назди аиммаи моликӣ, назари муътабари шофеъӣ ва ҳанбалӣ иҷҳоз пеш дамидани рӯҳ низ бе ҳеҷ мубаррири шаръӣ ва зарурат бо он тафосиле, ки дар матнҳои фиқҳиашон омадааст, ҳаром аст, хоҳ ҷанин дар марҳалаи нутфа бошад, хоҳ алақа, зеро ҳамон нутфа ва алақа аст, ки дар марҳалаҳои оянда дар он рӯҳ дамида мешавад.

Бино ба фармудаи Қуръон ва суннат нутфаи мард пас аз омехтан ба тухмҳуҷайраи зан – нутфаи амшоҷ (76: 2) бо дафқ ғел хӯрда (86: 6) аз тариқи шабакаҳои хоссе – трубкаҳои васл ба раҳми зан интиқол меёбад ва пас аз ҷой гирифтан дар он, ки дар Қуръон аз он бо қарори макин – оромгоҳи устувор (23: 13; 77: 21) таъбир шудааст, чаҳор марҳалаи асосиро аз сар мегузаронад: 1. Марҳалаи нутфа, ки чиҳил рӯз давом меёбад; 2. Марҳалаи алақа, ки он низ чиҳил рӯз идома меёбад; 3. Марҳалаи музға – гӯштпора, ки он ҳам ба муддати чиҳил рӯз идома меёбад (22; 5; 23: 14),[2] дар поёни ин марҳала устухонҳояш шакл мегиранд ва ба онҳо ба таври комил гӯшт пӯшонида мешавад – ҳайкал ва склети ҷисмониаш ба вуҷуд меояд, он гоҳ дар вай рӯҳ дамида мешавад ва ба сурати мавҷуди зинда ҳаёти органикиро дар батни модар оғоз мекунад (23: 14). Писар ва ё духтар шудани он – таъйини ҷинси вай ба нутфаи мард вобастагӣ дорад (53: 45, 46) ва пас аз поёни марҳалаи аввал – нутфагӣ ҷанин ба алақа – мавҷуди шулукмонанде табдил мешавад, ки аксари таркиби онро хун ташкил медиҳад. Пас аз чиҳил рӯз – пас аз поёни давраи аввал бино ба фармудаи расули Худо (с) фаришгае фиристода мешавад ва ба вай сурат мебахшад, чашму гӯш ва гӯшту устухонҳояшро ба вуҷуд меоварад,[3] яъне пайдоиши узвҳо ва устухонбандиаш шурӯъ мешавад ва то поёни марҳалаи сеюм – гӯштпора хилқаташ то ҷое комил мегардад.[4]

нафси шаръан маъсум ба шумор меравад.

[1] Аминуддин Абдулваҳҳоб ибни Аҳмад ибни Ваҳбони Ҳорисӣ донишманд, фақеҳ ва адиби ҳанафимазҳаб, аз аҳли Ҳамот ва қозиюлқузоти шаҳри Димишқ (тав. қабл аз соли 730 ./1329 м., ваф. 768 ҳ./1366 м.). Ибни Ваҳбон аз уламои соҳибназар дар масоил буда, таснифоти зиёде бар ҷой гузоштааст. Қайду-ш-шароид китобе манзум, ки ба гуфтаи Ҳоҷӣ Халифа дар Кашфу-з-зунун (13532. – Ҷ. 3. – С. 408) дар ҳаҷми чаҳорсад байт ва ба гуфтаи Зириклӣ дар ал-Аълом (Ҷ. 4. – С. 180) дар ҳаҷми ҳазор байт дар фурӯъи фиқҳи ҳанафӣ ва Иқдулқалоид шарҳи он аз машҳуртарин таълифоти ӯ ба шумор меравад.

Манзумаи фиқҳии Ибни Ваҳбон китобест гаронмоя, ки дар аксари матнҳо ва шарҳҳои баъдии фиқҳи ҳанафӣ ва ҳамин тавр дар китобҳои муқоисавии мазоҳиби дигар ва ҳатто донишномаҳои фиқҳӣ вақте назари мазҳаби ҳанафиро дар баъзе масоил ҷӯё шудаанд, ба байте аз он ва ё муҳтавои байт ва ё дасти кам ба номи китоб – Манзумаи Ибни Ваҳбон ва ё Манзумаи Ваҳбония ишора кардаанд.

[2] Чиҳил рӯзи давом ёфтани марҳалаҳои сегона дар ҳадиси Ибни Масъуд (рз), ки пештар дар матн зикр шуд, омадааст.

[3] Саҳеҳи Муслим, 6667-70 (2644-45)-2-4. ***«Вақте 42 рӯз (аз қарор гирифтани нутфа дар раҳм),*** дар ривояте ***40 рӯз*** ва дар ривояти дигаре ***45 рӯз гузашт, Худо фариштаеро ба назди вай мефиристад, ки ба ӯ сурат мебахшад ва шунавоӣ, биноӣ, пӯст, гӯшт ва устухонҳояшро ба вуҷуд меоварад…»***. Дар ин аҳодис давраи зуҳур ва ё фиристода шудани фариштаи барои ҷанин дар 40, 42 ва 45 рӯзагӣ зикр шудааст, ки дар маҷмӯъ ба поёни марҳалаи аввал ва оғози марҳалаи дуюми мавҷудияти ҷанин дар батни модар ишора мекунанд.

[4] Бар асоси маҷмӯаи оятҳое, ки дар бораи такомули тадриҷии нутфа ва марҳалаҳои рушди ҷанини одам аз лаҳзаи бордоршавии тухмҳуҷайраи зан бо нутфаи мард то давраи вилодати кӯдак сухан мегӯянд, он панҷ марҳалаи асосӣ ва замонбандишудаеро аз сар мегузаронад:

Аз ин тафсил фарқи ҷанин дар се давраи аввал аз давраи чаҳорумаш ба хубӣ равшан мегардад ва фақеҳони киром бо ҳамин дақиқӣ ба марҳалаҳои гуногуни рушди он таваҷҷуҳ кардаанд ва иҷҳози онро пас аз шурӯъи давраи чаҳорум, ки дар он рӯҳ дамида мешавад, ҳаром ва қатли нафси зинда донистаанд, вале онро дар се давраи қаблӣ бо назардошти заруратҳо ва ҳолатҳои истисноӣ бо он тафсиле, ки дар китобҳои фиқҳии мазоҳиб зикр гардида, иҷозат додаанд.

3. Бар ҳамин асос аз назари оммаи фақеҳон исқоти ҷанин пас аз дамида шудани рӯҳ, агар мурда берун ояд ва назди имом Молик (рҳ) ҳатто дар марҳалаи нутфа ва алақа будан ҳам агар ба худ сурати одам гирифта бошад, ҷиноят бар ҳаёти вай ба шумор рафта бар сабабгори он ғирра – товон ва ғаромате ба андозаи нисфи ушри дияи комил, ки ба панҷоҳ динор ва ё панҷсад дирҳам баробар аст, воҷиб мегардад ва оқила – хонадони шахси сабабгор бояд дар зарфи як сол онро ба соҳиби ҷанин пардохт намояд. Исқоти ҷанин дар ин ҳолат ба ҳар омиле, аз қабили тарсонидан, задан, истифодаи дору ва ғ. ва дар ҳар шакле – амдан ва ё хатаан сурат гирифта бошад, фарқ надорад ва сабабгори он агар худи падар ва ё модар бошад, аз меросаш маҳрум мегардад. Ривоят шуда, ки ду зане аз қабилаи Ҳузайл яке дигарро бар замин андохт ва ӯ ҷанинашро партофт. Расули Худо (с) дар он ба ғирра ҳукм кард.[1] Аммо агар зинда берун ояд ва бар асари он бимирад, дияи комил воҷиб мешавад. Аммо сиқти ҷанин – афтодани он, ки ба сабаби бемории модар ва ё иллати дигаре су-

1. Марҳалаи бордоршавии тухмҳуҷайраи зан бо нутфаи мард ва ворид шудани нутфаи бордоршуда ба раҳм (матка)-и зан. Дар ин марҳала нутфаи манавии мард бо тухмҳуҷайраи зан дар хориҷи тухмдон пеш ва ё дар аснои ворид шудан ба найчаҳои пайваста ба раҳм (трубкаҳо) ба ҳам меомезанд, он гоҳ нутфаи баҳамомехта – қаблан бордоршуда ва ба таъбири Қуръон амшоҷ вориди яке аз найчаҳо мегардад ва бо дафқ ғел хӯрда ба раҳм меравад ва дар он ҷой мегирад. Ин амалия ҳудудан ҳашт рӯз идома меёбад, се рӯз дар имтидоди найча ба сайри худ идома медиҳад ва панҷ рӯзи дигар дар дохили раҳм шиновар боқӣ мемонад. Пас аз он дар рӯзи ҳаштум ба девори раҳм мечаспад.

2. Марҳалаи нутфабандӣ, ки пас аз истиқрор ва часпидани он ба девори раҳм то давраи чиҳилрузагӣ давом мекунад. Дар ин марҳала нутфаи баҳамомехтаи марду зан барои рушди минбаъда омода мегардад.

3. Марҳалаи алақа. Нутфа дар ин марҳала ба алақа (мавҷуди хурди шулукмонанд ба шакли хуни баста) табдил меёбад.

4. Марҳалаи музға (гӯштпора), ки дар он алақа ба гӯштпорае табдил меёбад. Хилқат – офарида шудани узвҳо, устухонбандӣ ва шаклу сурати ниҳоии ҷанин дар ин ду марҳала – алақа ва музға (гӯштпора) сурат мегирад ва ҳар ду ба марҳалаи пайдоиши хилқати ҷанин шинохта мешаванд. Ин раванди се марҳалаӣ пас аз истиқрори нутфа дар раҳми модар бо чанд рӯзи марҳалаи аввал дар маҷмӯъ чаҳор моҳ идома меёбад.

Аз назари ҷумҳури аимма ҳар се марҳала – нутфа, алақа ва музға чиҳил рӯзӣ тӯл мекашанд ва баъзе донишмандони дигар бо истинботи маънои дигаре аз ҳадиси Ибни Масъуд (Саҳеҳи Бухорӣ, 3208, 3332, 6594, 7454), ба хусус аз ривояти Муслим (6665 (2643)-1) ва ҷамъбандии маҷмӯи аҳодиси ривоятшуда дар ин боб марҳалаи нутфа ва алақа ҳар дуро чиҳил рӯз ва марҳалаи музғаро, ки хилқати комили ҷанин дар он сурат мегирад, ҳаштод рӯз донистаанд. Ба андешаи баъзе донишмандони дигар марҳалаи музға низ дар зарфи ҳамон чиҳил рӯзи аввал ба поён мерасад ва пас аз он бинобар фармудаи Қуръон дар ояти 14-уми сураи Муъминун марҳалаи устухонбандӣ ва пӯшида шудани онҳо бо гӯшт сурат мегирад, ки он ҳаштод рӯз тӯл мекашад.

5. Марҳалаи нашъати нав ва офариниши дигари он, ки пас аз поён ёфтани хилқати комили он ва пӯшида шудани устухонҳо ба гӯшт шурӯъ мешавад ва аз чаҳор моҳагӣ то рӯзи вилодатро дар бар мегирад.

Аз назари илмӣ ба исбот расидааст, ки ҷинси ҷанин, яъне писар ва ё духтар шудани он ба нутфаи мард вобастагӣ дорад. Зеро нутфаи манавии зан дар таркиби тухмҳуҷайра танҳо хромосомаҳои модинаро доро мебошад, ки дар илми тиб имрӯз бо аломати (X) ишора мешавад ва нутфаи манавии мард бошад, ҳам хромосомаи модинаи (X) ва ҳам хромосомаи наринаро доро мебошад, ки дар илми тибби имрӯза бо аломати (Y) ба он ишора мешавад.

Вақте нутфаи манавии мард бо тухмҳуҷайраи зан омехта мешавад ва амалияи бордоршавии онҳо анҷом мегирад, агар хромосомаи дорои аломаи (X) тухмҳуҷайраи занро бордор намояд, (X+X) ҷинси ҷанин ба изни Худованд духтар мебошад, вале агар нутфаи дорои хромосомаи аломати (Y) онро бордор намояд, дар он сурат ба изни Худо ҷинси ҷанин писар мебошад. Пас ин нутфаи мард аст, ки ҷинси ҷанинро муайян менамояд.

Қуръони карим дар ояти 46-уми сураи Наҷм ба ин ҳақиқати илмӣ ишора намудааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва ин ки Ӯ ҳар ду ҷинси марду занро аз нутфа вақте гузошта мешавад, офаридааст»**. Ин оят ишора ба он дорад, ки ҷинси марду зан ба он нутфае бастагӣ дорад, ки гузошта мешавад ва он ҳамон нутфаи мард аст, ки дар раҳми зан гузошта мешавад. Ояти 37-уми сураи Қиёмат низ ба ин ҳақиқати илмӣ ишора менамояд, он ҷо ки мефармояд: **«Оё ӯ нутфаи он мание набуд, ки гузошта мешавад?»**.

[1] ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. – Ҷ. 2. – С. 59, ба нақл аз Найлулавтори Шавконӣ.

рат мегирад, дар ҳукми боло шомил намебошад.

4. Исқот ва ё сиқти ҷанине, ки хилқаташ комил гашта ва ё баъзе хилқаташ зоҳир шуда ва ба худ сурати одамӣ гирифта – музғаи мухаллақа гашта бошад, тамоми аҳком ва фуруъи фиқҳӣ, ба мисли тифли комиле, ки бо зоиши табиӣ ба дунё меояд, бо он собит мегарданд: **а)** зан соҳибнифос мегардад, **б)** агар талоқ шуда бошад, иддааш ба поён мерасад[1] ва в) пас аз поёни давраи нифосаш ғусл бар вай воҷиб мегардад. Аммо агар ҳанӯз чизе аз хилқаташ зоҳир нашуда бошад – дар марҳалаи нутфа, алақа ва ё музғаи ғайримухаллақа қарор дошта бошад, ҳеҷ гуна аҳкоми фиқҳие бо он собит намешавад – зан пок аст, соҳибнифос ба шумор намеравад ва иддаи талоқ ҳам ба он ҳисоб ва бароварда намешавад.

Ҳамчунин талоқе, ки ба вилодат – зоиши зан муаллақ – вобаста карда шудааст, бо сиқт ва ё исқоти ҷанини мухаллақа (баъзе нишонаҳои хилқати одамӣ дар вай зоҳиргашта) воқеъ мешавад ва иддаи зан пас аз он бо қуръ – ба ҳисоби ҳайз поида мешавад, зеро вай аз занони ҳайзбин ба шумор меравад. Дар ин сурат агар ду сиқти ҳамшикам – тавъамайн ба дунё оварад, бо берун шудани сиқти аввал талоқи муаллақ воқеъ мешавад ва бо берун омадани сиқти дуюм иддаи зан ба поён мерасад.

5. Исқоти ҷанини мушаввахе, ки бо дастгоҳҳои пешрафта ва васоили муосири тиббӣ аз сӯи ҳайати мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст, ки пас аз таваллуд ҳам имкони идомаи ҳаётро надорад, бо қарори Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар Макка дар марҳалаи қабл аз дамида шудани рӯҳ иҷозат дода шудааст.

6. Бими душвории тарбияи фарзанд, хавфи имрори зиндагӣ ва таъмини ниёзҳои вай, иктифо ба фарзандони мавҷудбуда, ба манзури танзими насл ва дуртар сохтани фосилаи зоиши навбатӣ ва ғ. назди ҷумҳури аимма узрҳои шаръан муваҷҷаҳ ба шумор намераванд ва исқоти ҷанин ба сабаби онҳо пеш аз дамида шудани рӯҳ ҳам ҷоиз намебошад.

Вале барои нигаҳ доштани фосилаи муайяни синнусолӣ дар байни фарзандон, ҳифзи саломатии модар ва мулоҳазоти дигар фақеҳони киром тадбирҳоеро барои манъи ҳамл пеш аз бордоршавӣ, ба монанди азл – берун рехтани нутфа, истифода аз васоили манъи ҳамл, аз қабили қурсҳои тиббӣ ва ғ. дар доираи маҳдуд ва ба таври муваққат иҷозат додаанд.

[1] Зеро иддаи зани ҳомил – бордор вазъ – гузоштани ҳамлаш аст.

АҚИҚА

Ақиқа (ар.: عقيقة) дар луғат бар муҳраи ақиқи сурх, зард ва ё сафед, бар мӯи сари навзод, ки бо он ба дунё ояд ва низ бар чорвое, ки ҳангоми тарошидани он мӯй забҳ мешавад, итлоқ гардад ва дар истилоҳи шаръ ба маънои забиҳа – ҳайвони забҳшудае аст, ки ба шукронаи неъмати фарзанди навзод кушта шавад. Вожаи ақиқа дар форсӣ бо масдари кардан ба маънои забҳ кардани он чорво ва доир намудани зиёфате ба он муносибат корбурд шавад. Бар пояи таълимоти ислом вақте Худованд барои шахсе фарзанд ато менамояд, барояш муносиб аст, ки навзодро то рӯзи ҳафтум номгузорӣ ва дар он рӯз мӯи сарашро гирифта, барояш ақиқае – забҳ ва таоми хурсандие доир намояд. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Ҳамроҳи писар ақиқа аст. Аз ҷониби ӯ хуне намоед ва нороҳати (мӯи сараш)-ро аз вай дур созед»***.[2]

Тарзи ақиқа кардан ин аст, ки агар навзод писар бошад, ду гӯсфанд ва агар духтар бошад, як гӯсфанд забҳ (хун) намояд.[3] Агар дар гову шутур ширкат намояд (шарикӣ), барои писар ду ҳисса ва барои духтар як ҳисса бигирад. Дар худи ҳамон рӯз мӯи сари навзодро тарошида ва агар ба вазни он нуқра хайр намояд, беҳтар аст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Кӯдак дар гарави ақиқааш мебошад. Аз ҷониби ӯ дар рӯзи ҳафтум забҳе карда шавад***

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 5471, 5472; Сунани Абудовуд, 2839; Сунани Тирмизӣ, 1515; Сунани Ибни Моҷа, 3164.

[3] Аз чандин ваҷҳ аз паёмбар (с) ривоят шудааст, ки: ***«Аз ҷониби писар ду гӯсфанд ва аз ҷониби духтар як гӯсфанд ақиқа карда мешавад»***. (Сунани Тирмизӣ, 1513, 1514, 1516; Сунани Ибни Моҷа, 3162, 3163). Тирмизӣ дар шарҳи ҳадиси 1514 мефармояд: *«Ривоят шудааст, ки паёмбар (с) аз ҷониби Ҳасан писари Алӣ як гӯсфанд ақиқа кард»* ва баъзе аҳли илм ба ҳамин ҳадис амал мекунанд.

Аз маҷмӯи ҳадисҳои қавлӣ ва феълии ривоятшуда аз паёмбари акрам (с) бармеояд, ки забҳи як гӯсфанд барои писар низ кифоя аст.

ва сараш тарошида шавад ва номгузорӣ шавад».[1] Ақиқа бар зиммаи падари навзод – касе аст, ки нафақаи вай бар уҳдааш бошад.

Бар асари пешомаде агар натавонист рӯзи ҳафтум ақиқа намояд, рӯзеро баргузинад, ки ба ҳафтум мувофиқ ояд, ба мисли рӯзи чаҳордаҳум, бисту якум ва ғайра. Пас аз як моҳ ҳар вақте имконият пайдо намуд, метавонад ақиқа намояд. Дигар мувофиқ омадани он ба рӯзи ҳафтум шарт нест. Агар аз як шикам ду кӯдак (дугоник) таваллуд шавад, мустаҳаб аст, ки барои ҳар кадомаш алоҳида ақиқа карда шавад.

Дар ҳадиси фавқ ба номгузории тифли навзод низ дар рӯзи ҳафтум тавсия шудааст, вале аз маҷмӯи аҳодиси боб бармеояд, ки номгузории тифл ба рӯзи ҳафтум хос намебошад, балки дар рӯзи таваллудаш низ ҷоиз аст. Дар ҳадиси Абумусо (рз) ва ҳадиси Анас (рз) дар боби ақиқа (Саҳеҳи Бухорӣ, 5467, 5470) омадааст, ки расули Худо (с) фарзанди Абумусо (рз) ва Абуталҳа (рз)-ро пас аз таваллуд ҳам номгузорӣ ва ҳам таҳник кардааст ва дар ҳадиси дигаре аз Анас (рз) (Саҳеҳи Муслим, 5979 (2315)-62) ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Имшаб бароям писаре таваллуд шуд, ки ӯро бо номи падарам Иброҳим номидам…»***. Бухорӣ бо такя бар ин аҳодис боби ақиқаро ба ин сурат тарҷима (сарлавҳагузорӣ) кардааст: Боби номгузорӣ ва таҳники навзод дар рӯзе, ки ба дунё меояд барои касе, ки иродаи ақиқа надорад.

Ҳамон ҳайвоне, ки барои қурбонӣ даргузар мебошад, барои ақиқа низ ҷоиз аст ва ҳар ҳайвоне, ки дар қурбонӣ мақбул набошад, дар ақиқа низ ҳамон ҳукмро дорад.

Гӯшти ақиқаро метавонад хом ё пухта хайр намояд. Чун барои хӯрдан даъват намояд, ҳама метавонанд дар он иштирок варзанд.

Аз пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ дар бораи ақиқа се қавл ва дидгоҳи фиқҳӣ ривоят шудааст: а) он бо воҷиб гардидани узҳия – қурбонӣ дар ислом мансух гардида ва дигар ба он амал карда намешавад,[2] б) мубоҳ ва ихтиёрӣ аст,

[1] Сунани Абудовуд, 2837, 2838; Сунани Тирмизӣ, 1522; Сунани Насоӣ, 4231; Сунани Ибни Моҷа, 3165.

[2] Дар матнҳои фиқҳи ҳанафӣ, ба монанди Бадоеъу-с-саноеъ ва ғ. ин назар аслан аз имом Муҳаммад (рҳ) ва дар порае аз матнҳо аз тариқи Абуюсуф (рҳ) аз имом Абуҳанифа (рҳ) низ ривоят шудааст. Косонӣ дар «Бадоеъ» мефармояд: Яке дигар аз масоили боби узҳия ин аст, ки вуҷуби он ҳар хунеро, ки пеш аз он вуҷуд дошта, аз қабили ақиқа, рачабия ва атира, мансух гардонидааст. Абубакри Кайсонӣ овардааст, ки имом Муҳаммад (рҳ) фармуд: Дар замони ҷоҳилият забоеҳе, аз ҷумла ақиқа, вуҷуд дошта, ки (онҳоро ба ҳар муносибат) забҳ мекарданд ва дар ибтидои ислом низ мусулмонон он забҳҳоро анҷом медоданд, он гоҳ забҳи узҳия – қурбонӣ ҳамаро мансух гардонд. Пас касе бихоҳад, ақиқа кунад ва касе бихоҳад, ақиқа накунад.

Мансух гардидани онҳо бар пояи ривояте, ки аз ҷандин вачҳ аз Оиша (рз) ва Алӣ (рз) ривоят шуда, собит гардидааст, он ҷо ки мефармояд: Рӯзаи (моҳи) рамазон ҳар рӯзаеро, ки пеш аз он буда, мансух гардонид, узҳия – қурбонӣ ҳар забҳ ва хунеро, ки пеш аз он буда, мансух гардонид ва ғусли ҷанобат ҳар ғуслеро, ки пеш аз он буда, мансух гардонидааст. Гуфтаи имом Муҳаммад (рҳ) дар бораи ақиқа: Пас касе хоста бошад, ақиқа кунад ва касе хоста бошад, ақиқа накунад, ба мубоҳ будан ва суннат набудани он ишора дорад. Дар «Ҷомеъу-с-сағир» омада, ки на аз ҷониби писар ва на аз ҷониби духтар ақиқа намекунад ва ин қавл ба кароҳияти он далолат дорад (Бадоеъу-с-саноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. – Ҷ. 6. – С. 295–298 – Бейрут, 2002 м.). Вале соҳиби «Радд» ин тавреҳи соҳиби «Бадоеъ»-ро дар бораи қавли имом Муҳаммад (рҳ) дар «Ҷомеъу-с-сағир» рад ва мефармояд: Яъне аз боби суннат ақиқа намекунад, аммо агар аз боби мубоҳият ва ё татаввуъ ақиқа кунад, ҷоиз аст. Он гоҳ дар хотимаи китоби «ал-Узҳия» дар «Радд» мефармояд: Барои касе фарзанд ба дунё ояд, мустаҳаб аст, ки дар сари ҳафта – рӯзи ҳафтумаш ӯро номгузорӣ ва сарашро битарошад ва назди аиммаи сегона ба вазни мӯяш нуқра ва ё тило садақа намояд, он гоҳ ба ҳангоми тарошидани сараш аз боби мубоҳ будан, он гуна ки дар китоби «Ҷомеъи Маҳбубӣ» омада ва ё аз боби татаввуъ (ва истеҳбоб), чуноне дар «Шарҳи Таҳовӣ» омадааст, ақиқае намояд (Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 9. – С. 554).

Ривоятҳое, ки дар бораи мансух гардидани ақиқа бо вуҷуби узҳия мавриди истиноди фуқаҳои мазҳаб қарор гирифтаанд, назди ҷумҳури асҳоби ҷарҳу таъдил ба сабаби вуҷуди ровиёни заъиф, ба монади Утба ибни Якзон ва Мусайяб ибни Шурайк (ва ё Шарик) дар санади онҳо заъиф ва барои исботи ҳукми шаръӣ ғайри қобили эҳтиҷоҷ дониста шудаанд, вале назди баъзе муҳаддисон порае аз он ривоятҳо саҳеҳи ҳасан ва қобили эҳтиҷоҷ ҳастанд. Дар бораи соли вуҷуби узҳия – қурбонӣ низ байни оммаи муҳаддисон ва фуқаҳо аз як сӯ ва муҳаддисони мазҳаби ҳанафӣ аз сӯи дигар, ихтилофи назар вуҷуд дорад. Оммаи муҳаддисон ва фуқаҳо машруият ва вуҷуби онро соли дуюми пас аз ҳиҷрат медонанд, дар ҳоле ки муҳаддисони ҳанафӣ машруияти онро соли дуюм ва вуҷубашро соли ҳаштуми пас аз ҳиҷрат гуфтаанд.. Ақиқа пеш аз ислом – дар замони ҷоҳият ва дар ибтидои ислом ҳамчунон вуҷуд доштааст ва бино ба ривоятҳои саҳеҳ расули Худо (с) соли сеюм ва чаҳорум ва ё чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ барои Ҳасан (рз) ва Ҳусайн (рз) ақиқа карда, вале соли нуҳӯм

барои фарзандаш Иброҳим ақиқа накардааст (Аҳкому-л-ақиқа, Ҳусомуддин ибни Мусо Аффона. – Қудс, 2003 м.). Дар ин масъала охирин амали паёмбар (с) носих ба шумор меравад.

Гарчи амали ахир дар ин масъала ба унвони охирин амалкарди паёмбари акрам (с) метавонад носихи моқабли худ бошад, вале ҳамчунон расми маъмул ва роиҷ боқӣ мондани он дар миёни саҳобагон ва наслҳои пас аз эшон ва ба унвони назари ҷумҳури фуқаҳои аҳли суннат пазируфта шуданаш назарияи мансух гаштани онро то андозае заъиф ва бепоя месозад. Ҳарчи буда, аксари фуқаҳои мутааххири ҳанафӣ бо истинтоҷ аз ривоёт ва осори гуногуни воридшуда дар ин боб назарияи машрӯият ва мустаҳаб будани ақиқаро таъйид кардаанд. Қудурӣ дар «ат-Таҷрид» мефармояд: Асҳоби мо гуфтаанд, ки ақиқа мустаҳаб аст, на суннат ва он назди мо мустаҳаб аст ва ба хотири макорими ахлоқе, ки дар он аст, таркаш макрӯҳ аст (Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар маъруф ба Қудурии Бағдодӣ, ат-Таҷрид (ал-Мавсӯату-л-фиқҳияту-л-муқорана), китобу-л-азоҳӣ, истеҳбобу-л-ақиқа, масъалаи 1548. – Ҷ. 12. – С. 6356 – 6357. – Қоҳира: Доруссалом, 2004).

Дар ҳеҷ ривояти саҳеҳе собит нашудааст, ки расули Худо (с) барои фарзандаш Иб-роҳим, ки соли 9-уми ҳиҷрӣ ба дунё омадааст, ақиқа карда бошад ва ин худ бар мустаҳаб ё мандуб будани ҳукми он далолат мекунад ва назари муфто биҳ назди фуқаҳои ҳанафӣ низ ҳамин аст. Илова бар ин, осор ва ривоёте низ аз паёмбари акрам (с) собит шуда, ки ба истеҳбоби он далолат мекунанд, аз ҷумла дар Мусаннафи Абдурраззоқ аз Амр ибни Шуъайб аз падар, аз бобиаш ривоят шуда, ки расули Худо аз ақиқа пурсида шуд, фармуд: **«Уқуқро дӯст надорам»,** ба мисли ин ки аз ин ном (ва калима) бадаш омад. Гуфтанд: Эй расули Худо (с), аз касе аз худ мепурсем, ки барояш фарзанде зода шавад! Пас фармуд: **«Касе аз шумо дӯст дорад, ки барои фарзандаш забҳе анҷом диҳад, пас бикунад, барои писар ду гӯсфанди яксон ва барои духтар як гӯсфанд»** (Абдур-раззоқ ибни ал-Ҳаммоми Санъонӣ, Мусаннафи Абдурраззоқ (таҳқиқи Ҳабибурраҳмони Аъзамӣ), 7961. – Ҷ. 4. – С. 330. – Бейрут, 1972).

Дар баъзе матнҳои фиқҳӣ ва шарҳҳои ҳадисӣ аз Абуҳанифа (рҳ) ва куфиён оварда-анд, ки онро бидъат гуфтаанд. Айнӣ пас аз нақли қавли онҳо бо шиддат онро такзиб ва рад кардааст, он ҷо ки мефармояд: Ин ифтиро (буҳтон ва туҳмате) аст, ки нисбат до-дани он ба Абуҳанифа раво набошад ва ӯ ба дур ва пок (ҳошоҳу) аст, ки (дар бораи расми мутадовили диние) чунин чизе бигӯяд. Қавли вай ин аст, ки ақиқа суннат нест ва муродаш низ ин аст, ки он (ба мисди) дигар суннатҳои мутадовил собитшуда ё суннати муаккада нест (Бадруддин ал-Айнӣ, Умдатулқорӣ. – Ҷ. 21. – С. 130, ақиқа, пеш аз шарҳи ҳадиси 5467 аз Саҳеҳи Бухорӣ).

Ибни Ҳаҷар дар зимни шарҳи ҳадиси мазкур мефармояд: Ва касе, ки бидъат будани ақиқа аз вай нақл шуда, Абуҳанифа аст. Ибни Мунзир гуфтааст: Асҳоби раъй касе хоҳад, ақиқа мекунад ва касе хоҳад, намекунад,[1] в) татаввуъ ва нофила аст, кардани он амри мустаҳаб[2] ва амали писандида ва аҳодисе, ки дар ин бора ривоят шудаанд, ба истиҳбоби он далолат доранд. Бинобар ин, шахсе тавоноии ду гӯсфандро надошта бошад, як гӯсфанд ақиқа намояд ва агар ин ҳам барояш муяссар нагардад, ақиқа накунад ва ҳеҷ гуна ҳараҷе бар вай набошад.

Аз назари ҷумҳури аимма – шофеъӣ ва ҳанбалӣ бино бар аҳодисе, ки дар ин бора ворид шуда, ақиқа аз суннатҳои паёмбари акрам (с) – суннати муаккада аст, барои писар ду гӯсфанд ва барои духтар як гӯсфанд забҳ карда мешавад. Дар мазҳаби моликӣ он амри мандуб аст ва мандуб аз назари онҳо дараҷае поёнтар аз суннат аст.

Дар ҳадиси мурсале ба ривояти Ҳоким омадааст, ки расули Худо (с) пас аз таваллуди Ҳусайн ба Фотима (рз) гуфт: ***«Мӯи сари Ҳусайнро баркаш ва ба вазни он нӯқра садақа кун ва ба қобила (доя) пои ақиқаро бидеҳ!»***. Дар ҳадиси мурсали дигаре омадааст, ки паёмбар (с) ба Фотима (рз) гуфт: ***«Пои ақиқаро ба хонаи қобила бифиристед ва (аз он) бихӯред ва таом диҳед ва ҳеҷ устухонеро аз он нашиканед!»***.[3] Бинобар ин, додани як пои ақиқа ба зани доя ва ношикаста ва пайванд-пайванд пухтани гӯшту устухонҳои он назди ҷумҳури фақеҳон мустаҳаб аст. Аммо назди аиммаи ҳанафӣ хомо-хом ва устухонҳояшро шикаста тақсим кардани он низ ҷоиз аст.[4]

Ҳангоми забҳи ақиқа бояд: «**Бисмиллоҳи**

суннат будани ақиқаро инкор карда ва дар ин маврид бо осори собитшудае мухолифат карда-анд (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 12. – С. 400).

[1] Гарчи мансух будани ақиқа назди пешвоёни мазҳаб бо фармудаҳои имом Муҳаммад (рҳ) собит мегардад, вале ин гуфтаи вай ҳукми кароҳияти онро ба куллӣ нафӣ ва мубоҳ ва дар сурати қасди қурбат аз умури нофила – татаввуъ будан онро собит ва таъйид менамояд.

[2] Ин назар – татаввуъ ва нофила будани ақиқа ва аз боби истеҳбоб ба ҷой овардани он ба назари ҷумҳури фуқаҳои аҳли Суннат наздиктар ва ба рӯҳи осор ва ривоятҳои собитшуда дар ин боб мувофиқтар аст. Назари имом Бухорӣ (рҳ) низ, он гуна ки аз мавзуъбандии боб бармеояд, бар мубоҳ ва ё татаввуъ ва нофила будани он аст.

[3] Туҳфату-л-аҳвазӣ, шарҳу Ҷомеъи-т-Тирмизӣ. – Ҷ. 5. – С. 99-100.

[4] Аҳодиси фавқ аз назари аиммаи ҳанафӣ заъиф ҳастанд.

валлоҳу акбар» бигӯяд ва хуб аст бигӯяд: **«Аллоҳумма, лака ва илайка, ҳозиҳи ақиқату фулонин»**.[1]

Ҷамъ омадани аҳли хонавода дар ақиқаи навзод кифоя бошад ва даъват намудани тамоми дӯстони дуру наздик ва ҳамсоягон дар маҳфили ақиқа ҷоиз ҳам бошад, шарт ва ҳатмӣ нест. Вале даъвати аҳли илм ва шахсиятҳои мутабаррик ба таоми ақиқа барои касби файз ва дуои хайр дар ҳаққи навзод ҷоиз ва хуб аст.

ТАҲНИКИ ТИФЛ ВА АЗОН ГУФТАН ДАР ГӮШАШ

Яке аз суннатҳои дигари расули Худо (с) дар лаҳзаи таваллуди кӯдак он аст, ки пеш аз шири модар шахси табаррук ва бузургворе ӯро таҳник намояд, яъне чизеро хоида, дар даҳони ӯ бигузорад. Инро таҳник (ширинком гардонидан) мегӯянд.

Асмо духтари Абубакр (рз) мегӯяд: *«Дар Макка ба Абдуллоҳ писари Зубайр бордор будам. Вақте ба Мадина ҳичрат кардам ва ба Қубо расидам, таваллуд кардам. Тифлро ба назди расули Худо (с) бурда, дар канораш гузоштам. Вай хурмое хост ва онро хоида, дар даҳони тифл гузошт ва аввалин чизе, ки ба шиками ӯ фурӯ рафт, оби даҳони расули Худо (с) буд. Он гоҳ ӯро бо хурмо таҳник кард ва дар ҳаққаш дуои баракат намуд. Вай нахустин навзод дар ислом буд»*.[2]

Суннати дигар он аст, ки дар гӯши ӯ азон гуфта шавад. Абурофеъ мегӯяд: *«Расули Худо (с)-ро дидам, ки дар гӯши Ҳасан писари Алӣ, вақте Фотима ӯро ба дунё овард, азони намозро гуфт»*.[3]

Абумусо (рз) мефармояд: *«Дар хонадонамон тифле ба дунё омад. Ӯро ба назди паёмбар (с) бурдам. Он ҳазрат (с) ӯро Иброҳим ном кард ва бо хурмое таҳник намуд ва дар ҳаққаш дуои баракат карда, ӯро ба ман баргардонд»*.[4]

[1] Худоё, барои Ту ва ба сӯи Ту, ин ақиқаи фалонӣ аст.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, 3909, 5469.

[3] Сунани Абудовуд, 5105; Сунани Тирмизӣ, 1514.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 5467; Саҳеҳи Муслим, 5580 (1349)-437.

ХАТНАИ КӮДАК

Хатна дар истилоҳи шаръ ба маънои буридани пӯсти рӯи ҳашафа – ғилофи сари олати таносулии мардон аст ва он аз суннатҳои дерини динҳои илоҳӣ, равиши баргузидаи паёмбарони пешин ва аз ҷумлаи умури фитрат буда, ки дар тавсияҳои ойини ислом низ ба он таъкид шудааст. Мардум ба он суннатӣ кардан ва порсиён ба он хатнасурон ва ё хатнасурӣ гӯянд. Ин расм бино бар ривоятҳои Суннат аз Иброҳими Халил (а) барои пайравони адёни тавҳидӣ ба ёдгор мондааст ва ӯ аввалин касе дар таърих буда, ки худро дар синни ҳаштодсолагӣ ва ё каме баъдтар аз он хатна кардааст.[5] Расми хатна аз тариқи фарзандони Иброҳим (а) дар байни канъониён ва баъзе ақвоми ҳамҷавори онҳо дар Шом ва баъдтар аз тариқи Яъқуб (а) ва фарзандонаш дар байни мисриёни қадим ва баъзе ақвоми африқоӣ интишор ёфтааст.

Паёмбари акрам (с) хатнаро яке аз панҷ ва дар ривояте даҳ амри фитрат[6] гуфтааст, ба ин маъно ки он аз муқтазои фитрати поки инсонӣ буда, ба шеваи назофат дар шахси озода муносиб аст. Зеро бо гирифтани ғилоф ва ё пӯсти рӯи ҳашафа – сари олати таносулӣ он ҷо аз пасмондаҳои идрор ва таҷаммуи ҳар гуна олудагӣ ва микробе мафҳуз мемонад, ки ин маъно аз ҳайси беҳдоштӣ дар ҷаҳони муосир ва тибби пешрафта аҳаммияти фоиқе дорад.[7]

[5] Ишора ба ду ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ дар ин бора ривоят шудаанд. Дар ҳадиси якум омадааст: ***«Иброҳим худро дар синни ҳаштодсолагӣ хатна кард…»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 3356) ва дар ҳадиси дигар омадааст: ***«Иброҳим худро баъд аз ҳаштодсолагӣ хатна кард ва онро бо теша анҷом дода»*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 6298).

6 Ишора ба ҳадисе аст, ки паёмбари акрам (с) дар он мефармояд: ***«Даҳ чиз аз фитрат аст: 1. кӯтоҳ кардани мӯйлабҳо, 2. ба ҳолати табиӣ гузоштани риш, 3. мисвок кардан, 4. истиншоқ кардан (биниро бо об шустан), 5. гирифтани нохунҳо, 6. Шустани ҳамгаштҳо ва пайвандҳои даст, 7. чидани мӯи зери бағал, 8. тарошидани мӯи зери ноф, 9. ва истинҷо кардан бо об»***. Ровии ҳадис – Мусъаб – мегӯяд: «Ва даҳумашро фаромӯш кардам ва фикр мекунам, ки он ***мазмаза (обгардон кардани даҳон)*** бошад» (Саҳеҳи Муслим, 603, 604; Сунани Абудовуд, 53; Сунани Тирмизӣ, 2757; Сунани Насоӣ, 5055, 5056, 5057; Сунани Ибни Моҷа, 293.).

[7] Хатна аз назари тиббӣ ва беҳдоштӣ низ фавоиди бисёре дорад, зеро дур кардани пӯсти болои ҳашафа он

Ба ҳар сурат хатна аз гузаштаҳои дур дар миёни пайравони адёни осмонии пешин, ба хусус яҳудиён, тадовул дошта ва пас аз зуҳури ислом низ бо шароит ва қайдҳои хоссе дар миёни милали гуногуни пайрави он тадовум ёфтааст.[1]

Аз ҷумлаи мазоҳиби исломӣ шофеъиён ва ҳанбалиён бо истинод ба оятҳое, ки пайравӣ аз миллат – дини ҳанифи Иброҳим (а) бар мусулмонон дар онҳо таъкид шудааст, ба вижа ояти 123-и сураи Наҳл, хатнаи мардонро воҷиб донистаанд ва назди ҳанафиён ва моликиён он суннат аст. Аз он ҷо ки дар таъйини марзи поён ва болои синни хатна насси сареҳ ва мавсуқе аз сӯи шореъ ворид нашудааст, бузургони мазоҳиби фиқҳӣ дар таъйини вақти истиҳбоб, ҷавоз ва ё вуҷуби он назароти мухталифе иброз доштаанд. Аиммаи шофеъӣ бо истинод ба ҳадисе, ки аз Ҷобир (рз) дар бораи хатнаи имом Ҳасан ва имом Ҳусайн ривоят шуда,[2] онро пас аз вилодаташ дар рӯзи ҳафтум мустаҳаб донистаанд. Аммо назди онҳо ва ҳанбалиён вақте кӯдак ба сиини булуғ бирасад, хатнаи ӯ воҷиб мегардад, зеро покӣ аз наҷосатҳо дар ҳамин вақт бар вай воҷиб мегардад, вале мустаҳаб аст, ки ҳарчи барвақттар, то пеш аз синни тамйиз хатна шавад, зеро он зудтар сиҳҳат меёбад ва дар қавле назди моликиён ва ҳанбалиён мустаҳаб аст, ки хатна дар синни аз ҳафт то даҳсолагӣ сурат гирад, зеро кӯдак дар ҳамин синну сол ба намоз амр шудааст.

Имом Абуҳанафа (рҳ) онро ба тобу тоқати кӯдак ва раъйи сарпарасти ӯ ва дигар афроди ботаҷриба дар ин боб мавкул намуда[3] ва аз Имомайн дар ин бора чизе ривоят нашудааст. Бинобар ин, мутааххирини мазҳаб барои ибтидои он синни ҳафтсолагиро тарҷеҳ дода ва каме пештар аз онро беҳтар донистаанд ва ҳадди болои онро дувоздаҳсолагӣ гуфтаанд. Вале ба ҳар сурат он бояд то пеш аз балоғати вай анҷом гирад. Зеро вақте аз Ибни Аббос (рз) пурсида шуд, ки: *«Мисли кӣ будӣ дар он замоне, ки паёмбар (с) қабз гардид? Гуфт: Ман дар он айём махтун будам. Фармуд: Ва мардро хатна намекарданд, то он ки ба балоғат бирасад»*.[4]

Назди ҷумҳури мазоҳиб – ҳанафӣ, моликӣ ва ҳанбалӣ хатнаи кӯдак дар рӯзи ҳафтуми таваллудаш ба сабаби ташаббуҳ ба яҳудиён кароҳият дорад.

Ғилофи рӯи ҳашафаро қалафа ва ғарла мегӯянд ва чун онро хатна кунанд – бибуранд, кӯдакро махтун – хатнашуда гӯянд ва касе хатна нашуда бошад, ӯро ақлаф ва ағрал гӯянд.

Дар байни ҷавомеи исломӣ аз замони расули Худо (с) ба ин сӯ хатнаи занон низ роиҷ буда ва назди аксари мазоҳиби фиқҳӣ он мандуб ва ё фазилат аст – назди моликиён мандуб ва назди ҳанафиён ва дар ривояте ҳанбалиён макрума – фазилат аст, на суннат, зеро ривоят шуда, ки расули Худо (с) фармуд: ***«Хатна барои мардон суннат ва барои занон макрума аст»***.[5] Дар муқобил фақеҳони шофеъӣ онро барои занон низ воҷиб донистаанд. Хатнаи занонро дар истилоҳи фиқҳ хафз ва ё хифоз мегӯянд. Имрӯз дар ҷавомеи исломӣ танҳо дар баъзе кишварҳо, ба монанди Миср, шимоли Судон ва ғ. ба он – хатнаи занон амал мешавад ва дар кишварҳои мусулмоннишини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ба хусус ҷумҳуриҳои Осиёи

қисмати узви таносулии мардро ҳамеша пок ва дар натиҷа аз илтиҳоби пайдошуда аз таҷаммуи намакҳо, олудагиҳо ва ҳар гуна микробҳо солим нигаҳ медорад. Омори мавҷуда нишон медиҳанд, ки саратони сари олати таносулӣ дар мардони хатнашуда амалан ноёб аст, дар ҳоле ки ин навъи саратон дар миёни хатнаношудагон ниҳоят бисёр аст. Ин амр боис шуда, ки расми хатна дар ҷавомеи мутамаддин низ равнақ пайдо кунад.

[1] Дар гузаштаҳо расми хатна дар зиндагӣ ва андешаи динии мусулмонон ба қадре нақш баста буд, ки онро аз муҳимтарин нишонаҳои мусулмонӣ медонистанд ва бино бар фаҳми омиёна мардони хатнаношударо номусулмон мегуфтанд. Ҳамон гуна ки баён шуд, хатна дар омӯзаҳои Суннат ойини фитрат ва аз аҳкоми амалии шаръ арёбӣ шуда, вале дар бораи ин ки он нишонаи мусулмонӣ буда бошад ва мусулмон аз кофир бо он фарқ кунад, чизе дар нусуси шаръ наёмадааст, зеро имкон дорад, ки баъзе мусулмонон бо узрҳо ва сабабҳои хоссе хатна нашуда бошанд, ки он эшонро аз дин хориҷ намесозад.

[2] Ишора ба ҳадисе аст, ки аз Ҷобир (рз) ривоят шуда: ***«Расули Худо (с) аз Ҳасану Ҳусайн ақиқа ва онҳоро дар рӯзи ҳафтум хатна кард»***. Ҳадисро Байҳақӣ дар Сунани Кубро ривоят карда ва дар санадаш ровии мутакалламун фиҳ вуҷуд дорад ва заъиф аст.

[3] Ин яке аз чанд масъалае аст, ки имом Абуҳанифа (рҳ) аз додани ҷавоби дақиқ ва муайян кардани ҳадди мушаххасе барои он таваққуф кардааст.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 6299. Бино ба навиштаи китобҳои тароҷим ва шарҳи ҳолӣ Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) се сол пеш аз ҳиҷрат дар давраи муҳосираи иқтисодии мусулмонон дар Шиъби Абутолиб – аз дарраҳои атрофи Макка таваллуд шуда ва дар замони вафоти расули Худо (с) дувоздаҳунин-сездаҳсола будааст.

[5] Ҳадисро Байҳақӣ дар Сунани Кубро ривоят карда ва бо яке аз ровиёнаш маълул донистааст.

Марказӣ аз гузаштаҳои дур ба он амал намешавад – маъмул нест.

Шахсе ақлаф – хатнаношуда аз дунё гузарад, назди ҷумҳури мазоҳиби фиқҳӣ дигар хатна карда намешавад, зеро он барои анҷоми таколифи шаръӣ бар покӣ дар замони ҳаёташ буда, ки он ҳама аз шахси фавтида соқит мегарданд.

Хулосаи аҳком ва чорабиниҳое, ки дар таълимоти ислом барои истиқболи тифли навзод дар хонадони ҳар мусулмон пешбинӣ шудаанд, аз башорати вилодат, гуфтани азон дар гӯшаш, таҳник карданаш, гирифтани мӯи сараш, интихоби беҳтарин ва зеботарин ном барояш ва дар ниҳоят хатнааш дорои фалсафаи амиқи иҷтимоӣ ва осори неке дар ояндаи зиндагӣ ва дурнамои саодати кӯдак мебошад ва аз эҳтимоми ҷиддии ислом ба ташаккули дурусти шахсият ва рушди солими абъоди гуногуни инсонӣ дар вай хабар медиҳад. Дар воқеъ, инҳо тадорукоти беҳдоштие дар қолаби аҳкоми шаръ ҳастанд, ки ба кӯдак саломатии ҷисмонӣ ва неруи равонӣ мебахшанд.

Расми хатна дар миёни баъзе милали мусулмон аз рӯзгори қадим ба ин сӯ бо одобу ташрифот, ҷашну сурур ва шукӯҳи хоссе баргузор мегардад, дӯстон ва наздикони хонавода ба ширкат дар он даъват мешаванд ва бино бар анъанаи мардумӣ дар байни тоҷикон имрӯзҳо ба он муносибат зиёфат ва таоми умумие дар пешгоҳи хона ва ё ҷойҳои махсусе, ба монанди ресторанҳо, омода мегардад ва ба он хатнатӯй мегӯянд, ки дар таълимоти ислом ба чизе аз онҳо тавсия нашудааст. Омода кардани таом дар он рӯз, хурсандӣ барои анҷоми яке аз суннатҳои шаръ ва нишастан бо дӯстон ба таври умумӣ боке надорад, вале аз арзишҳо ва тавсияҳои шаръ пиндоштани чунин ҷашне дуруст нест.

Фасли ҳаштум

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ИСЛОМ

БАРОБАРИИ МАРДУ ЗАН ДАР АСЛИ ВАҲДАТИ ИНСОНӢ ВА ДАР КАРОМАТИ БАШАРӢ

Зан ва мард ҳар ду аз назари Қуръон дар асли офариниш ба як ваҳдати инсонӣ бармегарданд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَٰحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالاً كَثِيرًا وَنِسَآءً

«Эй мардум, аз Парвардигоратон, ки шуморо аз як нафс офарид ва аз худи ҳамон нафс ҷуфти ӯро ба вуҷуд овард ва аз онҳо мардону занони бешуморе (насли инсон)-ро дар рӯи замин паҳн намуд, тарс ва тақво дошта бошед».[1]

Инсон дар миёни силсилаи офариниш мавҷуди боарзиш ва дорои каромати хосе аст ва дар ин асли инсонӣ марду зан бо ҳам баробар мебошанд.

وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِىٓ ءَادَمَ

«Ва дар ҳақиқат, фарзандони одамро каромат бахшидем…».[2]

Вақте марду зан ҳар ду дар асли ваҳдати офариниш ва дар асли каромати инсонӣ бо ҳам баробар ва муштарак ҳастанд, пас ногузир, дар мавридҳои зерин бо ҳам баробар ва дорои ҳуқуқҳои яксон мебошанд ва ҳатман бояд каромати инсонии онҳо дар он мавридҳо ҳифз гардад.

Бар ҳамин асос, ислом тамоми ҳуқуқҳои умумиеро, ки барои пешбурди ҳаёти инсон зарурат доранд, ба зан низ ба ҳайси узви комилулҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ато намудааст ва баробарии мутлақ бо мардонро дар ин замина барои вай кафолат додааст. Ин ҳуқуқҳоро метавон ба тартиби зерин мавзӯъбандӣ ва баён кард: а) Ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ, б) ҳаққи интихоби ҷои зист, в) озодӣ ва ҳаққи ибрози раъй ва ақида, г) ҳаққи омӯзиш ва таълиму тарбия, д) ҳаққи интихоби озодонаи кор ва ж) ҳаққи баҳрамандӣ аз кафолатҳои иҷтимоӣ.

Ислом барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, таъмини ҳамаҷонибаи ҳаққи зиндагӣ, ҳифзи каромати инсонӣ ва обрӯи маънавӣ ва иҷтимоӣ ва ҳамин тавр, фароҳам овардани шароити муносиби парвариши истеъдодҳо ва заминаи пешбурди фаъолиятҳои амалии занон бештар аз мардон қонун ва муқаррарот вазъ намудааст.

Зеро таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ ва каромати инсонии занон пойдевори иззату сарбаландии миллат ва асоси парвариши маҷду азамат дар дили наслҳо мебошад. Ислом аз пайравони худ мехоҳад, бо рӯҳи наҷобат, шарафмандӣ ва эҳсоси сарбаландӣ парвариш ёбанд ва дар роҳи таъмини ҳуқуқҳо ва ҳифзи каромати инсонии хеш талош варзанд ва ҳамин тавр, давлатро низ кафил ва масъули ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои инсонии онҳо гардонидааст. Қуръони карим мефармояд: **«Иззату сарфарозӣ аз они Худо, расули Ӯ ва муъминон аст»**.[3] Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Шахси мусулмон набояд худро хор созад»***.[4]

Ин ҷо буд, ки халифаи одил ва сиёсатмадори тавонои ислом – Умар (рз) ба коргузорони худ дар гӯшаву канории мамлакат ҳамеша тавсия мекард: *«Мусулмононро лату кӯб наномоед, то сабаби зиллатпазирӣ, ноҷавонмардӣ ва хории нафси онҳо гардед»*.[5]

---

[1] Сураи Нисо, 4: 1.
[2] Сураи Исро, 17: 70.
[3] Сураи Мунофиқун, 63: 8.
[4] ал-Муфассал. – Ҷ. 4. – С. 197.
[5] ал-Муфассал. – Ҷ. 4. – С. 197.

Вай ҳамасола коргузорони худро дар мавсими ҳаҷ ҳозир месохт ва дар ҳузури онҳо ба мардум мегуфт: *«Эй мардум, ман коргузорони худро барои он нафиристодаам, ки шуморо лату кӯб ва молҳоятонро тасоҳуб намоянд, балки онҳоро барои он фиристодаам, ки амният (ва адолат)-ро дар миёни шумо таъмин намоянд ва молҳои закот ва ғаниматро дар байнатон тақсим намоянд. Агар ғайр аз ин коре анҷом дода бошанд, онро ба ман бирасонед»*.[1]

Имом Абуюсуф (рҳ) дар рисолаи «Хароҷ»-и худ ба халифа Ҳорунаррашид менависад: *«Коргузорон ва волиёни худро амр кун, то ҳамарӯза дар кори маҳбусон назар кунанд. Касе ба адаб додани андаке ниёз дошта бошад, ӯро адаб дода раҳо созанд, касе ҳеҷ гуна мушкиле надошта бошад, озод шавад ва дар адаб додани онҳо зиёдаравӣ нанамоянд ва корро ба ҷое нарасонанд, ки ҳалол ва ҷоиз нест.*

Ба ман хабар расида, ки коргузоронат одамонро, ки бо туҳмате ва (ё) ҷинояте дастгир шудаанд, дусад, сесад ва ё камтару бештар аз ин дурра мезананд. Ин кор (аз назари шаръ) ҳалол ва ҷоиз нест. Пушти муъмин ҷуз дар ҳолатҳое, ки ба сабаби бадкорӣ ё туҳмат ё мастӣ ва ё таъзир, ки шаръан бар вай ҳадде воҷиб шудааст, дигар дар ҳар коре, ки анҷом диҳад, ҳимо (мамнӯъ ва ҳимояшуда) аст ва набояд бо ҳар коре зада шавад.

Коргузорони ту, чуноне ба ман хабар расида, мардумро лату кӯб мекунанд, дар ҳоле, ки расули Худо аз лату кӯби одамони намозгузор наҳӣ намудааст. Маънои ин ҳадис дар назди мо – валлоҳу аълам – он аст, ки расули Худо (с) аз лату кӯби муъминон вақте мустаҳиққи ҳадди мӯҷиби зарб нагашта бошанд, наҳӣ намудааст».[2]

1. *Баробарии марду зан дар ҳуқуқҳо ва масъулиятҳо*. Дар бораи ибрози фикру андеша, баҳрамандӣ аз озодиҳои динӣ ва истифода аз шоистагиҳо ва зарфиятҳои башарие, ки Худо дар вуҷуди инсон ниҳодааст ва ҳамин тарв, дар анҷоми он масъулиятҳое, ки дини ислом бар фарози роҳи башарият қарор додааст, занон ҳеҷ камӣ ва фарқе аз мардон надоранд ва дар тамоми ин ҳуқуқҳо бо ҳам баробар мебошанд.

Ҳаққи ибрози раъй, талаби ҳуқуқҳо, тасмимгириҳои озоди шахсӣ ва назархоҳӣ дар масоили гуногун барои қишри занон ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам амалан дар ислом таъмин шудааст. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки Хавла духтари Саълаба аз шавҳараш Авс ибни Сомит ба расули Худо (с) шикоят кард ва гуфт: *«Эй расули Худо, моламро хӯрд, ҷавониамро тамом кард ва ҳарчи дар шикам доштам, барояш нисор намудам ва акнун, ки синну солам ба пирӣ расид ва аз фарзанд мондам, аз ман зиҳор намуд. Худоё, (аз ин кори шавҳарам) ба Ту шикоят мекунам*.

Қуръон барои баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа, бинои таҳдоби эътимод ба нафс дар ботини вай ва барои ҷалби таваҷҷуҳи мардон ва аҳли ҷомеа дар умум ба вазъи зан эълон дошт, ки Худо сухани он занеро, ки дар бораи шавҳараш бо паёмбар (с) муҷодала ва аз вай ба сӯи Худо шикоят мекард, шунид,[3] он ҷо ки мефармояд: **«Худо воқеан ҳам, сухани он занеро, ки дар бораи шавҳараш бо ту муҷодала менамояд ва (аз вай) ба Худо шикоят дорад, шунид ва Худо гуфтугӯ (-и ҳар ду)-ятонро мешунавад. Худо дар воқеъ, шунавову доно аст».**[4]

Ва ҳамин тавр Худованд дар ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва изҳори назари занон оятҳои баъдии ин сураро нозил кард ва муқаррароти зиҳорро муайян намуд, ки дар мавзӯи «Зиҳор» ба тафсил баён гардидаанд.

Дар таърихи садри ислом намунаҳои олие аз бахши амалии қонун дар бораи ҳуқуқу озодиҳои занон ба чашм мерасанд, ки ҳама баёнгари мавқеи

[1] ал-Муфассал. – Ҷ. 4. – С. 197, ба нақл аз «Табақоти Ибни Саъд». – Ҷ. 3. – С. 293.

[2] ал-Муфассал. – Ҷ. 4. – С. 196; ал-Хароҷ– С. 164, 165.

[3] Ривоят шуда, ки рӯзе Умар (рз) дар замони хилофаташ аз кӯчае мегузашт, ки пирзане ӯро садо кард ва гуфт: Эй Умар, туро дар кӯдакӣ Умайр – Умарак мегуфтанд, сипас Умар шудӣ ва имрӯз туро Амири муъминон мегӯянд. Эй Умар, аз Худо битарс, ки касе ба марг яқин дошта бошад, аз фавт шудан битарсад ва касе ба ҳисоби рӯзи қиёмат яқин дошта бошад, аз азоби он рӯз бимнок бошад. Пирзан ҳамчунон сухан мегуфт ва Умар (рз) ба вай гӯш медод. Гуфтанд: Эй Амиралмуъминин, барои пирзане ин ҳама вомеистӣ!? Гуфт: Агар аз субҳ то шом маро муаттал созад, барояш вомеистам, ҷуз барои намози фарз! Оё медонед, ин пирзан кист!? Ин Хавла бинти Саълаба аст, ки Худои Раббулоламин аз болои ҳафт осмон ба сухани ӯ гӯш дод. Оё Худо сухани ӯро мешунавад ва Умар ба сухани вай гӯш намедиҳад!

[4] Сураи Муҷодала, 57:1. Мисбоҳи мунир, гузидаи тафсири Ибни Касир. – С. 1372, 1373.

қотеъ ва равшани ислом дар бораи онҳо мебошанд.

Дар «Саҳеҳи Бухорӣ» аз Хансо бинти Хизоми Ансорӣ ривоят шудааст, ки падараш ӯро, ки бева шуда буд, ба шавҳар дод (ва) ӯ ин корро написандид. Пас ба назди расули Худо (с) омад ва он ҳазрат (с) никоҳашро бекор намуд.[1]

Эътимоди ба худ ва истиқлоли шахсияти занон ба туфайли таълимоти ислом ба ҷое расида буд, ки онҳо барои шинохти ҳуқуқҳои хеш ба иқдомоти ҷасуронае даст мезаданд. Аз Оиша (рз) ривоят шудааст, ки зани ҷавоне ба назди ӯ омад ва гуфт: *«Падарам маро ба писари бародараш додааст, то пастӣ ва ноодамии ӯро ба василаи ман бартараф намояд ва ман инро намехоҳам. Оиша фармуд: бинишин то паёмбар (с) бияояд. Вақте расули Худо (с) омад ва ӯро аз кори вай хабар дод, падарашро фаро хонд ва амрашро ба худаш вогузошт. Он гоҳ зан гуфт: Ҳоло кори падарамро иҷозат додам, танҳо хостам бидонам, ки оё занон дар кори худ ҳаққе доранд?»*.[2]

Бар асоси таълимоти ислом зане, ки дар даврони канизии худ ба шавҳар баромада бошад, пас аз озод шудан метавонад он никоҳи худро мавриди бозбинӣ қарор диҳад. Оиша (рз) канизеро бо номи Барира харида озод сохт. Вай пеш аз озодии худ бо ғуломе бо номи Муғис ба шавҳар баромада буд. Барира вақте озодии худро ба даст овард, аз шавҳараш Муғис ҷудо гашт ва дигар бо вай зиндагӣ накард. Муғис дар кӯчаҳои Мадина аз дунболи Барира мегирист ва бо зорӣ аз вай мехост, ки ӯро тарк накунад, вале Барира тасмими ниҳоии худро гирифта буд ва дигар ба сӯи Муғис барнагашт.

Абдуллоҳ ибни Аббос (рз) қиссаи онҳоро чунин нақл мекунад: *«Шавҳари Барира ғуломе буд бо номи Муғис ва ман медидам, ки ӯ чигуна аз дунболи Барира мегирист ва ашки чашмонаш бар ришаш мерехт. Паёмбар (с) ба Аббос гуфт: Оё аз муҳаббати Муғис нисбат ба Барира ва аз нафрати Барира аз Муғис ба шигифт наомадаӣ? Паёмбар (с) ба Барира гуфт:* ***Агар ба назди ӯ бозмегаштӣ****. Барира пурсид: Эй расули Худо, оё маро ба ин кор амр менамоӣ? Фармуд:* ***Танҳо шафеъ (хотирандоз)-ӣ мекунам****. Барира гуфт: Ман ниёзе ба вай надорам»*.[3]

Рӯзе Умар ибни Хаттоб (рз) ба мардум гуфт: *«Дар маҳри занон зиёдаравӣ накунед, зеро агар ин кор дар дунё фазилате медошт ва ё дар назди Худо тақво ба шумор мерафт, расули Худо (с) ба он аз шумо беҳтар буд. Вай (с) барои ҳеҷ ҳамсар ва ё духтараш аз дувоздаҳ уқия бештар маҳр надода ва нагирифтааст. Дар ин ҳол зане бархост ва гуфт: Эй Умар, Худо ба мо ато намуда ва ту моро маҳрум месозӣ? Оё Худои таъоло нафармудааст, ки:* «Ва ба яке аз онҳо қинтор (ҷувол)-е (молу чиз) додед, чизе аз онро бозпас нагиред». *Умар гуфт: Ин зан дуруст фармуд ва Умар хато кард»*.[4]

Дар ривояти дигар омадаст, ки: *«Он зан гуфт: Ин кор ба дасти ту нест, эй Умар, зеро Худо мефармояд:* **«Ва ба яке аз онҳо қинторе додед, чизе аз онро нагиред»**. *Умар гуфт: Зане бо Умар ҳақҳоҳӣ кард ва уро мағлуб сохт»*.[5]

Инҳо чанд намунае буданд, ки назари исломро дар бораи мавқеи иҷтимоӣ, ҳаққи ибрози раъй ва тасмимгирии озоди занон баён мекунанд. Марҳалаи ба шавҳар баромадани занон яке аз ҳассостарин даврaҳои равонӣ дар ҳаёти онҳо ба шумор меравад ва никоҳ яке аз муҳимтарин масоили иҷтимоӣ мебошад, ки сатҳи истиқлоли шахсият ва ҳаҷми эътимод ба нафсро дар назди занон нишон медиҳад. Ислом тамоми ҳолатҳои гуногуни масъаларо дар назар гирифта, ба раъй ва тасмими занон дар ин бора арҷ ниҳодааст ва ба онҳо дар ин амри ҳаётан муҳим мустақилияти комил ато намудааст.

2. *Баробарии онҳо дар доираи эътиқодот ва аҳком.* Ислом ҳамон таваққӯъ ва чашмдоштеро, ки аз мардон дар бораи барҳӯрдорӣ аз эътиқодоти дуруст ва анҷоми масъулиятҳои шаръӣ дорад, аз занон низ дорад ва дар шоистагии дастёбӣ ба камолоти маънавӣ, арзишҳои олии инсонӣ ва савобу дараҷоти ухравӣ марду зан бо ҳам баробар мебошанд.

Арзиши амалии онҳо дар имони дуруст ва амали солеҳашон мавриди баҳодиҳӣ ва арзёбӣ қарор мегирад. Қуръон ва суннат ҳуқуқҳои маънавӣ ва масъулиятҳои динии ҳар дуро баробар бозгӯ менамоянд ва амалҳояшонро низ яксон арзёбӣ менамоянд. Қуръони карим мефармояд:

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 5138.

[2] Сунани Насоӣ, 3269.

[3] Саҳеҳи Бухорӣ, 5283.

[4] Тафсири Қуртубӣ. – Ҷ. 5. – С. 96. Ин ривоятро Байҳақӣ аз Муҷолид ибни Саъид оварда ва онро мунқатеъ гуфтааст, вале ривоятҳои дигаре ба ҳамин маъно аз роҳҳои дигар ворид шудаанд, ки онро таъйид менамоянд.

[5] Тафсири Ибни Касир. – Ҷ. 1. – С. 467.

إِنَّ ٱلْمُسْلِمِينَ وَٱلْمُسْلِمَٰتِ وَٱلْمُؤْمِنِينَ
وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ وَٱلْقَٰنِتِينَ وَٱلْقَٰنِتَٰتِ وَٱلصَّٰدِقِينَ
وَٱلصَّٰدِقَٰتِ وَٱلصَّٰبِرِينَ وَٱلصَّٰبِرَٰتِ وَٱلْخَٰشِعِينَ
وَٱلْخَٰشِعَٰتِ وَٱلْمُتَصَدِّقِينَ وَٱلْمُتَصَدِّقَٰتِ
وَٱلصَّٰٓئِمِينَ وَٱلصَّٰٓئِمَٰتِ وَٱلْحَٰفِظِينَ فُرُوجَهُمْ
وَٱلْحَٰفِظَٰتِ وَٱلذَّٰكِرِينَ ٱللَّهَ كَثِيرًا

«Мардони мусулмон ва занони мусулмон, мардони муъмин ва занони муъмин, мардони фармонбардор ва занони фармонбардор, мардони содиқ ва занони содиқ, мардони сабрпеша ва занони сабрпеша, мардони хошеъ ва занони хошеъ, мардони дастбахайр ва занони дастбахайр, мардони рӯзадор ва занони рӯзадор, мардони хештандор ва занони хештандор, мардони бисёр ёдкунандаи Худо ва занони ёдкунанда, Худованд барои ҳамаи онҳо мағфират ва подоши бузурге омода намудааст».[1]

Низ мефармояд:

وَمَن يَعْمَلْ مِنَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِن ذَكَرٍ أَوْ
أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُو۟لَٰٓئِكَ يَدْخُلُونَ ٱلْجَنَّةَ
وَلَا يُظْلَمُونَ نَقِيرًا

«Касе корҳои нек ва шоиста анҷом медиҳад, мард бошад, ё зан, дар сурате ки муъмин бошад, (чунин одамоне) ба биҳишт мераванд ва ба андозаи хатти (рахи) болои донаи хурмо ба онҳо зулм намешавад».[2]

Боз мефармояд:

مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ
مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةً طَيِّبَةً ۖ وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ
أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ

«Ҳар марду зане, ки амали шоиста ва нек анҷом диҳад, дар ҳоле ки муъмин бошад, ҳатман, ба ӯ зиндагонии хуш ва покизае мебахшем ва (чунин одамонро) ба беҳтарин сурате ки амал мекарданд, подош медиҳем».[3]

Ҳамин тавр мефармояд:

وَلَهُنَّ مِثْلُ ٱلَّذِى عَلَيْهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ

«Ва барои занон (низ) бо некӣ ва ба таври шоиста ҳуқуқҳое ҳаст, ба монанди он вазифаҳо ва масъулиятҳое, ки бар уҳдаи онҳост».[4]

3. *Баробарии марду зан дар омӯзиш ва таълиму тарбия.* Ислом масъалаи омӯзиш ва таълиму тарбияро барои ҳамаи мусулмонон яксон фарз донистааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Талаби илм бар ҳар марду зани мусулмон фарз аст»***.[5]

Уммулмуъминин Оиша (рз) дар шаъни занони ансор мефармояд: *«Чи занони хубе ҳастанд занони ансор, ки ҳаё онҳоро аз омӯзиши дин боз надошт»*.[6]

Хулоса, вақте марду зан аз дидгоҳи Қуръон дар асли ваҳдати инсонӣ ва каромати башарӣ бо ҳам баробар ва яксон дониста шудаанд, баробарии онҳо дар арсаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва дар тамоми ҳавзаҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби он таъмин ва эълон шудааст ва заминаҳои мусоиде барои фаъолиятҳои эшон аз ҷанбаи ҳуқуқӣ фароҳам гардидааст.

4. *Баробарии марду зан дар шоистагиҳо (қобилиятҳо) ва дар аҳлият.* Илова бар ҳуқуқҳои умумие, ки аз ҷумлаи заруратҳои ҳаёт ба шумор мераванд ва занон аз онҳо ҳамчун узви комилулҳуқуқи ҷомеаи башарӣ баҳраманд мебошанд, боз ислом ҳуқуқҳои хусусӣ ва ё шахсиеро, ки ба салоҳият ва аҳлияти одамон бастагӣ доранд низ, барои онҳо таъмин намудааст.

Дар силсилаи шоистагиҳои иқтисодӣ, салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва дигар тасмимгириҳои му-

[1] Сураи Аҳзоб, 33: 35.
[2] Сураи Нисо, 4: 124.
[3] Сураи Наҳл, 16: 97.
[4] Сураи Бақара, 2: 228.
[5] Муъҷаму-с-сағир, 61. – Ҷ. 1. – С. 42; Муъҷаму-л-авсат, 2051. – Ҷ. 2. – С. 352, 4096. – Ҷ. 4. – С. 423; Муъҷаму-л-кабир, 10439. – Ҷ. 10. – С. 195; Шуъабу-л-имони Байҳақӣ, 1667. – Ҷ. 2. – С. 253.
[6] Саҳеҳи Бухорӣ, боби «Ҳаё дар илм», мукаддимаи ҳадиси 130.

стақилона занон бо мардон баробар мебошанд. Зеро асоси тамоми шоистагиҳо (қобилиятҳо) ва пас аз он масъулиятҳо бархӯрдории инсон аз нерӯи ақл ва дигар зарфиятҳои фикрӣ мебошад ва занон низ дорои ақлу фаросат ва рашодат (пухтагӣ ва салоҳиятнокӣ) мебошанд.

Занон аз дидгоҳи ислом ба монанди мардон ҳаққи издивоҷ, барпо намудани оила, талаби нафақа аз шавҳар ва дигар ҳуқуқҳои муошрати оилавиро доранд ва ҳамин тавр, салоҳияти ба зимма гирифтан ва анҷом додани масъулиятҳои хонаводагӣ ва риояи ҳуқуқҳои шавҳар, фарзандон ва дигар аъзои оиларо доранд.

Дар мавқеи ба шавҳар баромадан назархоҳӣ ва ризояти занон шарти дуруст гардидани он дониста шудааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Бе огоҳӣ аз тасмими зани бева ва бе ризояти духтар онҳоро ба никоҳи касе надиҳед»***.[1]

Занон дар қонуни ислом ҳамчунин дорои ҳуқуқҳои молӣ ва имконоти иқтисодии ҷудогона ва мустақил аз дигар аъзои хонавода, ба монанди падар, шавҳар ва дигарон мебошанд. Онҳо метавонанд ҳар чизеро, ки бихоҳанд, ба моликият ва тасарруфи худ дарованд ва дар моликияти худ ба таври дилхоҳ фаъолиятҳои иқтисодиро ба роҳ монанд. Қуръони карим мефармояд:

لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَ
وَلِلنِّسَآءِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ
وَٱلْأَقْرَبُونَ مِمَّا قَلَّ مِنْهُ أَوْ كَثُرَ ۚ نَصِيبًا مَّفْرُوضًا

«Барои мардон аз он чӣ падару модар ва (дигар) хешовандон (-и онҳо) бар ҷой гузоштаанд, саҳме (ва ҳиссае) вуҷуд дорад ва барои занон (низ) аз он чи падару модар ва (дигар) хешовандон (-и онҳо) бар ҷой гузоштаанд, ҳисса (ва саҳме) вуҷуд дорад, хоҳ он мол кам бошад, ё зиёд, ба сурати ҳиссаи муайянгашта…».[2]

Дар ин оят Қуръон баробарии марду занро дар асли ҳаққи ирс аз моли ба меросгузоштаи падару модар ва дигар хешовандон баён ва поягузорӣ менамояд. Дар ояти 32-юми ҳамин сура мавқеи шариати ислом дар бораи баробарии марду зан дар асли моликият ва ҳаққи ирс бори дигар таъкид шудааст.

Қуръони карим бо ин оятҳо ва даҳҳо ояти дигар замина ва асоси устувори ҳуқуқие барои қишри занон ба вуҷуд овардааст ва суннати набавӣ низ бо садҳо сухан ва амалкарди расули Худо (с) ин мавқеияти ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи арзишманди занонро амалан пуштибонӣ ва таъйид намудааст.

5. *Ислом* ҳамчунин ***барои занон*** дар зимни меъёрҳои ахлоқӣ ва дар чаҳорчӯби муқаррароти шаръӣ ***ҳаққи иштирок дар умури сиёсӣ***, ба монанди раъйдиҳӣ дар интихобот ва роҳбарии баъзе вазифаҳои идориеро, ки ба табиати зан мувофиқ мебошанд, додааст. Бар асоси мазҳаби ҳанафӣ зан метавонад вазифаи қазо (суди)-ро дар ғайри ҳудуд ва қисос ишғол намояд.

Дар таърихи садри ислом занон дар корҳои илмӣ, таълимӣ, дармони беморон ва маҷруҳон, сарпарастии маҳфилҳои омӯзишии занон ва ғайра ба таври фаъол ширкат варзидаанд ва ҳатто дар майдони ҳарб ҳамроҳи мардон ҳузур доштаанд. Онҳо дар байъати[3] умумии паёмбар (с) ва хулафои рошидин ба таври чашмгире ширкат намудаанд.

Аз Уммиатия (рз) ва дигарон ривоят шудааст: *«Расули Худо (с)-ро байъат намудем. Вай ин қисмати ояти байъатро:* **«Ба Худо чизеро шарик наоваранд»** *бар мо хонд ва моро аз навҳахонӣ (гиряи бо садо бар мурда) наҳӣ намуд. Зане дасташро (аз байъат) боздошт ва фармуд: Зане маро (дар навҳахоние) ёрӣ (ва бо ман дар он ҳамовозӣ) карда буд, мехоҳам (аввал) ӯро подош (ва дар чунин коре) ёрӣ диҳам. Паёмбар (с) ба вай чизе нагуфт. Он зан баргашт ва пас аз муддате бозомад ва паёмбар (с) аз вай байъат гирифт»*.[4]

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 5136, 6968, 6970; Саҳеҳи Муслим, 3458 (1419-64; Сунани Тирмизӣ, 1107; Сунани Насоӣ, 1954; Сунани Ибни Моҷа, 1871.

[2] Сураи Нисо, 4: 7.

[3] Байъат дар луғат ба маънои аҳду паймон ва дар истилоҳ ба маънои паймон бастан ба фармонбардорӣ ва итоат аз касе. Дар таърихи ислом чунин марсум (расм) буд, ки он кас, ки паймони тоат мебаст, дасти худро дар дасти паёмбар (с) ё халифа ё амир мегузошт. Гӯянд ҳангоми фатҳи Макка, ҳамин ки паёмбари акрам (с) аз байъат бо мардон фориғ шуд, ба сӯи занон рӯй оварда ва бо сухан аз онҳо байъат гирифт. Ин байъат дар таърихи ислом бо байъату-н-нисо (байъати занон) машҳур аст.

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, 4892, 7215; Саҳеҳи Муслим,2160. Дар ривояти дигаре аз Уммиатия омадааст: *«Паёмбар*

Дар ривояти дигар аз Уммиатия (рз) омадааст, ки: *«Вақте хостам ба расули Худо (с) байъат намоям, гуфтам: Эй расули Худо, зане дар даврони ҷоҳилият маро (дар навҳахоние) ёрӣ (ва дар он бо ман ҳамовозӣ) карда буд, меравам, то ӯро ёрӣ кунам, пас аз он баргашта бо ту байъат мекунам. Фармуд:* ***Бирав ва ӯро ёрӣ кун!****. (Уммиатия ровии ҳадис) мегӯяд: Рафта ӯро ёрӣ кардам, он гоҳ омада ба расули Худо (с) байъат намудам».*[1]

Ин ривоятҳо агар аз як тараф, ҳузури фаъоли занонро дар умури сиёсӣ дар таърихи садри ислом нишон диҳанд, аз тарафи дигар, сатҳи баланди маърифати динӣ, шуури сиёсӣ, андешамандӣ ва диди пухтаи таҳлили онҳоро дар масоили сиёсӣ ва эътиқодӣ нишон медиҳанд.

Дар ин ҷо нуктаи муҳим ва ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки ислом на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шинохтҳои динии занон ва мукаллаф намудани онҳо ба мутолиба ва таъмини ҳуқуққои шаръиашон иктифо накардааст, балки мардонро ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуққои онҳо шаръан маъмур намудааст. Риоя ва ҳифзи онҳо аз назари ислом вазифаи илоҳӣ ва масъулияти динии мардон дониста шудааст.

УСУЛ ВА КУЛЛИЁТИ ПАНҶГОНА

Хулоса ислом панҷ асл ва ё куллиётеро, ки ба ҳаёт ва инсонияти шахс тааллуқ доранд, ҳам барои мардон ва ҳам барои занон ба таври баробар ҳифз ва таъмин намудааст: 1. ҳифзи нафс (ҷон ва ҳаққи ҳаёт), 2. ҳифзи ақл ва нерӯи зеҳнӣ, 3. ҳифзи дин ва имон, 4. ҳифзи номус ва обрӯ, 5. ҳифзи мол ва дороӣ.

Қонунҳо ва аҳкоме, ки барои ҳифзи усул ва куллиёти панҷгонаи мазкур равона шудаанд, ҳуқуққои ҳар ду қишрро ба таври яксон ҳимоя мекунанд.

1. Ислом ба ҳаёти инсон арҷ ниҳода, қатли нафс ва рехтани хуни мусулмонро аз ҷумлаи гуноҳони кабира донистааст ва барои ҳифзи ҷону нафси мардум ва пешгирӣ аз рехтани хуни бегуноҳе ҳадд (ҷазо)-и қисосро пешбинӣ намудааст ва ин тадбири амниятӣ ва ҳамин тавр ҷазои қатли нафс ба ҳар ду қишр – марду зан – ба таври баробар тааллуқ дорад.

2. Ислом барои ҳифзи нерӯи зеҳнӣ ва қобилияти ақлонии инсон итеъмоли ҳар гуна машруботи алкулӣ ва маводи мастиоварро ҳаром гардонида, барои истеъмолкунандаи он ҳадди шурби хамрро пешбинӣ намудааст, ки марду зан ҳар ду дар назди он баробар ҳастанд.

3. Ислом барои ҳифзи дину имони мардум шароит ва чорабиниҳоеро дарназар гирифтааст, ки дар онҳо марду зан ҳар ду баробар мебошанд. Аз ҷумла, дар қабули ислом икроҳ ва маҷбуриятро нафй намуда, мардумро дар пазируфтан ва ё напазируфтани он мухайяр гузоштааст. Ҳамчунин барои шахсе, ки аз ислом

(с) ба ҳангоми байъат аз мо байъат гирифт, ки навҳа накунем. Ҳеҷ зане аз мо, ба ҷуз панҷ тан, ба он вафо накард: Уммусулайм, Уммулъало, духтари Абусабра – зани Муъоз ва ду зани дигар ё духтари Абусабра, зани Муъоз ва зани дигаре» (Саҳеҳи Бухорӣ, 1306). Ин вафо накардани занон, ба ҷуз панҷ тан, ба байъати худ бо расули Худо (с) ба маънои вафои комил мебошад ва он аз рӯи мухолифат бо он ҳазрат (с) сурат нагирифта, зеро дар ривояти Умайма бинти Руқайқа (рз) ибораи ***«ба андозае, ки иститоат ва тавон дошта бошед»*** низ омадааст ва онҳо ба андозаи тавони худ ба он вафодор будаанд.

[1] Сунани Насоӣ, 4179.

Чӣ тавре мебинем, расули акрам (с) барои манъи навҳахонӣ аз занон байъат мегирифт. Навҳахонӣ дар шариат ба таври қатъӣ мамнӯъ ва ҳаром аст ва набояд аз он иҷозате, ки паёмбар (с) барои Уммиатия пеш аз байъат дод, дар мавриди аҳкоми шаръӣ бардошти нодуруст намуд, зеро ба гуфтаи муҳаққиқон, таҳрим ва манъи ниёҳат (навҳагарӣ) аз сӯи шаръ ба тадриҷ ва зина ба зина сурат гирифтааст. Ибни Ҳаҷар дар шарҳи ин ҳадис мефармояд: «Аз (муқорана ва эътибори) тамоми ҳадисҳо ва осори ривоятшуда бармеояд ва наздиктарин ҷавоб (дар ин маврид) он аст, ки ниёҳат дар ибтидо мубоҳ, сипас бо кароҳияти танзеҳӣ макрӯҳ ва дар ниҳоят пас аз байъати занон ба таври қатъӣ ҳаром гардонида шудааст» (Фатҳулборӣ, шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 10. – С. 691–692) ва иҷозати он ҳазрат (с) барои Уммиатия ва дигарон, чуноне дар аҳодис ва осори дигар омадааст, пеш аз таҳрими қатъии он будааст.

Кори дигаре дар ин ҷо, ки бояд дуруст фаҳмида шавад ва аз ибораи «даст боздошт» дар ҳадиси Уммиатия ба ривояти Бухорӣ (Саҳеҳ, 4892, 7215) фикр ба иштибоҳ наафтад, ин аст, ки паёмбари акрам (с) аз занон ба тариқи даст додан ва бо мусофаҳа ба мисли мардон байъат намегирифт, балки бо сухан ва ба тариқи шифоҳӣ аз онҳо байъат мегирифт. Дар ривояте аз Умайма бини Руқайқа (рз) дар баёни тариқи байъати расули Худо бо занон омадааст: «… Расули Худо (с) фармуд: ***Ман (ба вақти байъат) бо занон мусофаҳа намекунам. Ба дурустӣ, ки сухани ман барои сад зан ба мисли суханам барои як зан аст»*** (Сунани Насоӣ, 4181).

рӯй гардонад ва муртад шавад, бо шароити махсусе ҷазои иртидод (баргаштан аз дин)-ро пешбинӣ намудааст, ки марду зан ҳар ду дар пеши он баробар ҳастанд.

4. Ислом барои ҳимояи номус ва обрӯи мардум ҳадди зиноро дар ду дараҷа пешбинӣ намудааст, то иффату покдоманӣ дар ҷомеа ҳифз шавад, ки марду зан ҳар ду дар пеши он баробар ҳастанд. Ҳамчунин барои шахси туҳматгар, ки ба номус ва обрӯи мардум таарруз менамояд, ҷазои қазф (туҳматгорӣ)-ро пешбинӣ намудааст.

5. Ислом барои ҳимояи молу дороии мардум чорабиниҳои гуногунеро тадорук дидааст, ки ҳадди дуздӣ яке аз онҳо мебошад ва он барои марду зан яксон аст. Худованд мефармояд: **«Мард ва зани дузд, дастони онҳоро қатъ намоед, ки он ҷазоест ба он чи касб кардаанд ва уқубатест аз сӯи Худо. Ва Худо тавонову ҳаким аст»**.[1]

ПУШТВОНАИ ИМОНИИ ПОЙГОҲИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН

Мо бояд аз ҳамин пойгоҳи ҳуқуқӣ ба тамоми фаъолиятҳои зан дар заминаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, омӯзишӣ ва ҳатто дар муҳити оила ва хонавода ба унвони модар, ҳамсар, духтар ва хоҳар бинигарем ва ҷойгоҳи боазамати ӯро аз назари дини ислом дар ин арсаҳои фаъолият баҳо диҳем.

Чӣ тавре гуфтем, ислом на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шинохтҳои динии онҳо ва ё ба тарғиби онҳо ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ иктифо накардааст, балки мардони муъминро бо дарназардошти латофати отифаҳои неки равонӣ ва заъфи тавоноиҳои ҷисмии занон шаръан ба риоя ва ҳифзи ҳамаҷонибаи онҳо муваззаф намудааст. Илова бар ин, онҳоро ба дарки баланди масъулиятшиносӣ дар баробари занон фаро хондааст.

Ислом дар бинои пойгоҳи ҳуқуқии устуворе барои қишри занон дар арсаҳои ҳаёти фардӣ, муҳити хонаводагӣ ва заминаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳаргиз бо навиштани қонунҳое дар рӯи варақҳо ва эҷоди девони қонун қаноат накардааст, балки пеш аз он пойгоҳи имонӣ ва пуштвонаи маънавие дар ботини одамон барои риоя ва татбиқи амалии он қонунҳо дар ҳаёти воқеӣ ба вуҷуд овардааст. Гузашта аз ин, дар ҳар сари қадам муъминонро ба риоя ва мавриди таваҷҷуҳ қарор додани ин арзишҳои олии инсонӣ тазаккур додааст.

Барои муошират нек бо зан дар оила ба унвони ҳамсар ва барои ҳифзи ҳайсияти иҷтимоӣ ва каромати инсонии вай аз ҳар гуна хушунатҳои равонӣ, осебҳои ҷисмонӣ ва ғайра Қуръони карим ба мардон тавсия менамояд:

وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ

«Бо некӣ (ва ба таври шоиста) бо онҳо муошират (ва рафтор) намоед».[2]

Расули Худо (с) дар ин замина мефармояд: ***«Беҳтарини шумо касоне мебошанд, ки бо зан ва хонаводаи худ ба беҳтарин равиш рафтор намоянд ва ман беҳтарини шумо дар муошират бо аҳли худ мебошам»***.[3]

ХУШУНАТ ВА ЗӮРОВАРӢ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

Ислом амалан ва қадам ба қадам хушунат ва ҳар гуна эътиқодоти нодуруст, боварҳои хурофӣ ва андешаи ғайри солими ҷомеа, ба хусус қишри занонро, аз фазои эътиқодӣ ва муҳити иҷтимоии мардум бартараф намудааст. Мардум пеш аз зуҳури дини ислом то ҷое вуҷуди духтарро дар хонаводаи худ боиси нанг ва беобрӯии худ медонистанд, ки ӯро зинда ба гӯр мекарданд. Ислом ин рафтори хушунатомез ва андешаи ваҳшиёнаро амалан аз тафаккури инсон зудуд.

Қуръони карим он вазъи асафбор ва фарҳанги хушунатро чунин баён медорад:

وَإِذَا بُشِّرَ أَحَدُهُم بِٱلْأُنثَىٰ ظَلَّ وَجْهُهُۥ مُسْوَدًّا
وَهُوَ كَظِيمٌ ﴿٥٨﴾ يَتَوَٰرَىٰ مِنَ ٱلْقَوْمِ مِن سُوٓءِ مَا
بُشِّرَ بِهِۦٓ ۚ أَيُمْسِكُهُۥ عَلَىٰ هُونٍ أَمْ يَدُسُّهُۥ
فِى ٱلتُّرَابِ ۗ أَلَا سَآءَ مَا يَحْكُمُونَ

[1] Сураи Моида, 3: 38.

[2] Сураи Нисо, 4: 19.

[3] Сунани Тирмизӣ, 3895.

«Ҳангоме ба яке аз онҳо муждаи тавалludи духтар (дар оилааш) дода мешуд, (аз шиддати нороҳатӣ чеҳрааш дигаргун ва) рӯяш сиёҳ мегашт ва (вуҷудаш) аз хашму андӯҳ пур мешуд ва ба хотири ин муждаи баде, ки ба вай дода шудааст, худро аз қавму қабилааш (мардум) пинҳон медошт. (Вай дар худ меандешид, ки) оё ин нангро бипазирад (ва духтарро нигаҳ дорад) ва ё ӯро зинда ба гӯр созад. Ростӣ, (онҳо) қазоват ва тасмимгирии баде мекарданд».[1]

Ислом ҳамин ҳолати равонӣ ва тарзи тафаккури мардумро марҳала ба марҳала тағйир дод ва андешаи ҷомеаро ба ҷое расонд, ки мард вақте занашро дӯст надорад ва барояш мақбул набошад ҳам, бо вай муносибати некро ба роҳ мемонд. Қуръони карим чунин бузурграфториеро ба пайравони худ тавсия менамояд, он ҷо, ки мефармояд:

وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ
أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا

«Бо занонатон муошират ва рафтори хуб намоед. Агар онҳоро бад бинед, мумкин аст шумо чизеро бад бинед ва Худованд хайри фаровонеро (барои шумо) дар он ниҳода бошад».[2]

Барои манъи намунае аз хушунати иқтисодӣ, ки дар авҷи шиддати эҳсосот ва ба сарҳадди ҷудоӣ расидани муносибатҳои марду зан мумкин аст онҳоро фаро гирад, Қуръони карим мефармояд:

وَإِنْ أَرَدتُّمُ ٱسْتِبْدَالَ زَوْجٍ مَّكَانَ زَوْجٍ
وَءَاتَيْتُمْ إِحْدَىٰهُنَّ قِنطَارًا فَلَا تَأْخُذُوا۟ مِنْهُ شَيْـًٔا ۚ
أَتَأْخُذُونَهُۥ بُهْتَٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا ﴿٢٠﴾ وَكَيْفَ
تَأْخُذُونَهُۥ وَقَدْ أَفْضَىٰ بَعْضُكُمْ إِلَىٰ بَعْضٍ
وَأَخَذْنَ مِنكُم مِّيثَٰقًا غَلِيظًا

«Вақте иваз кардани ҳамсареро ба ҷои ҳамсаре хостед ва (дар рафти зиндагонии муштарак ва ё ба сурати маҳр) моли фаровоне ба касе аз онҳо (ҳамсари қаблиатон) дода бошед, ҳеҷ гоҳ чизе аз онро бозпас нагиред. Оё бо туҳмату гуноҳи ошкор мехоҳед онро бозпас гиред? Чӣ гуна онро мехоҳед бозпас гиред, дар ҳоле ки бо ҳам муошират (ва омезиши) наздик доштед ва (гузашта аз ин), онҳо (ҳангоми ақди издивоҷ) паймони муҳкаме аз шумо гирифта буданд?».[3]

Барои пешгирӣ аз ҳар гуна хушунати равонӣ, ҷисмонӣ ва ғайра фақеҳони киром ва коршиносони соҳаи фиқҳи исломӣ бо баррасии арзишҳои олии дини ислом никоҳеро, ки мард ба риояи ҳуқуқҳои зан ва масъулиятҳои хонаводагӣ итминони шахсӣ ва аз худ бовар надошта бошад, ҳаром донистаанд. Зеро бунёди оила вақте идома меёбад, ки мард ба ислоҳоварӣ ва муошират нек пойбанд ва аз худ боварӣ дошта бошад.

Расули Худо (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ дар раванди баёни ҳуқуқҳои марду зан дар баробари якдигар дар бахше аз суханони худ фармуд: ***«Ва ҳаққи ҳамсаронатон бар шумо ин аст, ки бо беҳтарин шева ба онҳо муошират намоед ва либосу ғизои онҳоро фароҳам созед»***.[4]

Боз мефармояд: ***«Комилтарини муъминон аз рӯи имон хушрафтортарини онҳо мебошанд ва беҳтарини шумо онҳое мебошанд, ки беҳтарин рафторро бо ҳамсарони худ дошта бошанд»***.[5]

Дар замони пеш аз ислом бар асоси одатҳои даврони ҷоҳилият занонро талоқ мекарданд ва ҳамин ки муддати иддаашон ба поёни худ наздик мерасид, боз ба онҳо руҷӯъ мекарданд. Яъне на бо онҳо ба таври дуруст ва одамгуна зиндагӣ мекарданд ва на мегузоштанд, ки иддаашон ба поён расад ва зиндагии худро бо шахси дигаре барқарор намоянд, балки бо мақсади расонидани зарарҳои маънавӣ, фишорҳои равонӣ ва таҳдидҳои ҷисмӣ онҳоро дар он вазъи номуносиб нигаҳ медоштанд.

Ин вазъ то муддате дар ибтидои ислом низ идома дошт ва баъзе мусулмонон низ ба чунин хушунатҳое роҳ медоданд. Ин буд, ки Худованд дар бахши аввали ояти 231-уми сураи Бақара он рафтори ғайриинсонӣ ва корбасти хушунатро маҳкум карда, ба мусулмонон тавсия намуд:

---

[1] Сураи Наҳл, 16: 58, 59.

[2] Сураи Нисо, 4: 19.

[3] Сураи Нисо, 4: 20, 21.

[4] Сунани Тирмизӣ, 1163, 3087; Сунани Ибни Моҷа, 1851, 3074.

[5] Сунани Тирмизӣ, 1162.

وَإِذَا طَلَّقْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَبَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ
فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ سَرِّحُوهُنَّ
بِمَعْرُوفٍ ۚ وَلَا تُمْسِكُوهُنَّ ضِرَارًا لِّتَعْتَدُوا۟ ۚ
وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُۥ

«Вақте занон (-атон)-ро талоқ намудед ва ба поёни иддаи худ расиданд, ё онҳоро (дар сурати бозгашт) бо некӣ нигаҳ доред ва ё ба хубӣ раҳо созед. Вале (ҳаргиз) бо мақсади озор ва зиён додан онҳоро нигаҳ надоред, то мавриди зулму ситами шумо қарор гиранд ва ҳар касе чунин кунад, ҳатман, бар худ ситам кардааст».

Аз тарафи дигар, ба падарон ва бародарон тавсия менамояд, ки агар занон пас аз гузашти идда ҳам ба бозгашт ба сӯи шавҳарони пешинаашон изҳори омодагӣ намуданд, онҳоро барои пешгирӣ аз ин кор зери фишор қарор надиҳанд, балки баръакс, ба авотифи нек ва тасмимгириҳои озоди онҳо арҷ биниҳанд.

فَلَا تَعْضُلُوهُنَّ أَن يَنكِحْنَ أَزْوَٰجَهُنَّ
إِذَا تَرَٰضَوْا۟ بَيْنَهُم بِٱلْمَعْرُوفِ

«Онҳоро аз (бозгашт ва) издивоҷ бо ҳамсаронашон, агар бо хайру хушӣ ба тавофуқ расиданд, бо фишор боз надоред…».[1]

ШОҲКОРИҲОИ ДИГАРИ ИСЛОМ ДАР ИН ҶОДА

Ислом дар баробари хушунатҳои рафторӣ ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ аз худ созиш нишон надодааст. Инак, боз чанд намунаи дигареро аз муборизоти дини ислом бар зидди чунин падидаҳои манфӣ ва роҳу рафтори номатлуб дар ҷомеа ва рашодатҳо (корномоиҳо)-и онро дар ҳифзи арзишҳои башарӣ ва ҳуқуқҳои табиии мардум, ба хусус ҳимояи каромати инсонии қишри занон, зикр менамоем.

Вале манзур аз он танҳо зикри рӯйдодҳои муҳимми таърихи ислом дар гузашта нест, балки тақдими намунаҳои бемонанде аз корномаҳои бошукӯҳи ислом барои занон дар ҳаёти бухронзадаи имрӯз мебошад. Ҳаёте, ки зан дар он ба ҳазорон иҳонат, хушунат, пастии сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шинохтҳои динӣ ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Гузашта аз ин, бо номи ҳимояи озодиҳо ва ҳуқуқи зан имрӯз вай ба сурати бозичае рӯи саҳна бароварда шуда, аз каромати инсонии худ ҷудо сохта шудааст.

Яке аз одатҳои бад ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ нисбат ба занон он буд, ки пас аз марги шавҳараш яке аз писарони он мард, ки аз зани дигараш бошад, ё яке аз наздикони вай, ба монанди бародар, амак ва ғайра ҷомаи худро бар вай меафканд ва бо ҳамин соҳиб ва меросбари он зан мегашт. Яъне занонро пас аз марги шавҳаронашон бо зӯрӣ ва ба унвони моли ба мерос гузошта аз худ мекарданд.

Худованд ин одати иҷтимоиро қотеъона маҳкум ва мусулмононро аз чунин рафторе бо занон боз дошт, он ҷо, ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا يَحِلُّ لَكُمْ أَن تَرِثُوا۟
ٱلنِّسَآءَ كَرْهًا ۖ وَلَا تَعْضُلُوهُنَّ لِتَذْهَبُوا۟
بِبَعْضِ مَآ ءَاتَيْتُمُوهُنَّ

«Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, ки занонро бо зӯр мерос баред ва онҳоро маҷбуран нигоҳ доред, то қисмате аз он чизеро, ки (қаблан) ба онҳо додаед, ба даст оваред».[2]

Бухорӣ дар бораи сабаби нузули ин оят мефармояд: *«Чунин буданд, ки вақте марде мемурд, наздикони вай ба занаш (аз дигарон) ҳақдортар буданд. Агар касе аз онҳо мехост (ва он зан ба вай маъқул мешуд), ӯро ба занӣ мегирифт, ва (-ле агар аз вай хушашон намеомад) ё ӯро ба шахси дигаре ба занӣ медоданд ва ё (то фаро расидани маргаш) вайро ба ҳамон ҳол нигоҳ медоштанд. Онҳо ба он зан аз аҳли хона-*

[1] Сураи Бақара, 2: 232.

[2] Сураи Нисо, 4: 19.

водааш ҳақдортар буданд».[1]

Онҳо ба зан ҳамчун мол ва чиз муносибат мекарданд ва нисбати ӯ ҳар гуна фишор, зӯроварӣ ва хушунатҳои равонӣ, ҷисмонӣ, иқтисодӣ ва ҳатто шаҳвониашонро раво медиданд. Зан ҳаргиз ҳаққи тасмимгирӣ ва ҳатто бозгашт ба хонаводаи худро надошт.

Бахши дуюми ҳамин оят дар бораи хушунати иқтисодӣ нисбат ба занон равшанӣ меандозад. Онҳо занро пас аз марги шавҳараш маҷбуран дар он ҳолат нигоҳ медоштанд, то пас аз марги вай ба молу дороияш соҳиб гарданд ва ё он молеро, ки шавҳараш ба вай дода буд, ба онҳо боз гардонад.[2]

МАСЪУЛИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ЗАНОН

Дар оятҳои гузашта тамоми навъҳои хушунат: иқтисодӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ нисбат ба занон ба таври қатъӣ манъ шудааст. Ҳуқуқҳои табиӣ ва каромати инсонии онҳо дар ҳар мақом ва ҳолате бояд риоя ва ҳифз шаванд.

Пас бадоҳатан мантиқи ақл тақозо менамояд, ки барои ҳифзи ин ҳуқуқҳо ва ҳимояи каромати инсонии занон бояд шахсе масъул бошад ва онҳоро дар паноҳи худ сарварӣ намояд, шахсе, ки аз уҳдаи ин масъулияти сангини илоҳӣ ба хубӣ барояд. Худованд масъулияти ҳифзи ин ҳуқуқҳоро бар зиммаи мардон ниҳодааст, ба хусус, вақте сарвари оила мешаванд. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

ٱلرِّجَالُ قَوَّٰمُونَ عَلَى ٱلنِّسَآءِ بِمَا فَضَّلَ ٱللَّهُ
بَعۡضَهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖ وَبِمَآ أَنفَقُواْ مِنۡ أَمۡوَٰلِهِمۡۚ
فَٱلصَّٰلِحَٰتُ قَٰنِتَٰتٌ حَٰفِظَٰتٞ لِّلۡغَيۡبِ
بِمَا حَفِظَ ٱللَّهُ

«Мардон бинобар бартарие, ки Худо (дар сохтори ҷисмонӣ ва ғайраи онҳо) ниҳодааст ва бинобар инфоқ (ва харче, ки дар роҳи бунёд, барқарорӣ, нигаҳдошт ва пешбурди оила) менамоянд, бар занон қаввом (ва сарпараст) мебошанд. Пас занони нек (ва беҳтарин барои низоми биноёфтаи оилавӣ) фармонбар мебошанд (ва онҳо) дар паноҳи ҳифзу ҳимояи Худованд ҳифзкунандаи ғайби (шавҳаронашон) мебошанд…».[3]

Бубинед, чӣ зебо! Бори масъулияти сарпарастӣ, нигаҳдошт ва пешбурди оила бар уҳдаи мардон ниҳода шудааст ва аз занони неке, ки қадри ин ҳама заҳамоти мард ва таҳаммули ин ҳама бори сангини масъулиятро медонанд, бо зеботарин ва боарзиштарин сурат ситоиш ба амал омадааст.

Қуръони карим масъулияти сарпарастӣ, нигоҳубин, пешбурд ва ба танзим даровардани умури хонаводаро бар зиммаи мард ниҳода, занони некро ба унвони тарафдорони назму қонуни хонавода дар ин иҷтимои кӯчак, вале муҳим ва ба унвони татбиққунандагони он назму қонун мавриди қадрдонӣ қарор додааст.

Яке аз эъҷозоти бадеӣ ва тавоноиҳои каломи Худо дар он аст, ки намои оддии зиндагиро нахуст тобиши маънавӣ ва пӯшиши инсонӣ бахшида, сипас марду занро ба ҳосил намудани ҳадафҳои асосии ин конуни бунёдгашта фаро хондааст. Ибораҳо ва калимоти қуръонӣ он чунон дақиқ ва фарогир ҳастанд, ки тамоми ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва ғайраро дар ҳар мавриде ифода менамоянд.

Мас., калимаи қаввом, ки дар ин оят омадааст, бо зеботарин сурат маънои парастории, нигоҳубин, пешбурд, тарбия ва ба кор бурдани тамоми маҳоратҳо, ақлу хирад ва саъю талоши инсониро барои ҳусули оромиш ва саодати тарбиятгирандагон зери кафолати худ ифода менамояд. Аз мард мехоҳад, ки ба унвони бунёдгар, нигаҳбон ва пешбарандаи сохтори оила бо беҳтарин ваҷҳ ва дар ҳадди имкон ниёзҳои иҷтимоӣ ва равонии муҳити хонаводаро таъмин намояд ва барои ба танзим даровардани корҳои он ва пешбурди ҳамаҷонибаи он барномаҳои дақиқи идорӣ ва нақшаҳои пурбори иқтисодӣ ва ғайра дар назар бигирад.

Зан бошад, барои бароварда шудани ин ҳама ормонҳои нек ва ҳадафҳои олии инсонӣ ба ҳамкории самарбахш ва ба нигоҳубин ва

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, 4579, 6948.

[2] Дар «Сунани Абудовуд» дар бораи сабаби нузули ин бахши оят ба ин воқеият ишора шудааст. (Сунани Абудовуд, 2090).

[3] Сураи Нисо, 4: 34.

посдории натоиҷи ба дастомада фаро хонда шудааст. Оила бо ин таъбири қуръонӣ мактаби хонаводагист, ки мард парваришдиҳанда, парастор ва омӯзгори он ва зан ба ҳайси ёвар татбиқкунандаи барномаҳои омӯзишӣ ва нақшаҳои парваришии хонавода мебошанд.

Дар ин ҷо ҳаргиз ҳокимияти мутлақ ва истибдоди мард ва ҳамчунин маҳкумият ва беҳуқуқии зан мавриди назар нест. Қисмати охири ин оят бо таъбири зебо ва равшане маънои болоро ифода менамояд. Илова бар ин, ин оят дуруст пас аз оятҳое меояд, ки пойгоҳи ҳуқуқии занро аз назари ислом ва ҷойгоҳи бузурги ӯро назди Худо баён намудаанд. Гузашта аз ин ҳама, Худо ин сураро бо номи «Занон» (Нисо) номидааст, дар ҳоле ки бо номи мардон дар Қуръони карим сурае вуҷуд надорад.[1]

Вале мутаассифона, баъзе муғризон ва ё одамоне, ки шинохти дурусте аз арзишҳои олии ислом надоранд, бо таъбирҳои нодурусти худ аз оятҳои Қуръон ба паёмҳои ҷовидонаи он таън ворид менамоянд.

Оила ва хонавода пойгоҳи аввалин ва таҳдоби ҷомеа ва давлат ба шумор меравад ва аз хонаводаи солим ҷомеаи солим ба вуҷуд меояд. Фарзандони барӯманди миллат ва бузургони ҷомеа аз хонаводаҳои ҳамаҷониба солиму устувор ва фикрану рӯҳан рушдёфта зуҳур менамоянд. Бинобар ин, ислом ба бунёд, сохтор ва ташаккули дурусти он аҳаммияти ҷиддие додааст.

БУРУЗИ ТАШАННУҶ ДАР ХОНАВОДА ВА НАЗАРОТИ ҚУРЪОН ДАР ИН ЗАМИНА

Имкон дорад, гоҳе дар миёни аъзои оила, аз ҷумла зану шавҳар, суитафоҳум ва носозгорие бамиён ояд. Ин ҳолат, ҳатман бо шеваи муносиб ва ҳарчи зудтар бояд ҳалли худро ёбад. Зеро идома ва шиддат гирифтани бухронҳои оилавӣ дар муҳити хонавода, ба хусус дар рӯҳияи фарзандон, таассурот ва паёмадҳои номатлуби худро мегузорад.

Ислоҳи ин вазъ, пеш аз ҳама, ба мард ҳамчун сарпараст ва нигаҳдори назми хонавода вобастагӣ дорад ва пас аз он ба ҳамкорӣ ва хайрхоҳии зан барои ҳифзи мавҷудият ва нигаҳдории ваҳдати оила ва фазои солими он вобаста мебошад. Хуб маълум аст, ки агар ҳар ду ҷониб барои рафъи бухрони ба амаломада ва бартараф намудани паёмадҳои он ҳамфикр ва ҳамталош гарданд, он ба зудӣ ҳалли худро меёбад ва кор ба ҳеҷ ҷо намерасад.

Вале дар ғайри ин сурат, агар зан омили он бухрон ва носозгорӣ бошад, ба мард ба унвони сарпараст ва нигаҳбони оила як миқдор салоҳиятҳо ва ихтиёроте барои ҷустуҷӯи роҳи ҳал ва пешгирӣ аз фурӯпошӣ ва заволи хонавода дода шудааст. Чӣ тавре дар ҳолатҳои фавқулода қонуни ҳар кишвар барои роҳбари давлат баъзе ихтиёрот ва салоҳиятҳои иловагиеро пешбинӣ намудааст.

Роҳи ҳалли пешниҳоднамудаи Қуръон ва доираи салоҳиятҳои мард дар ин маврид он аст, ки нахуст ӯро бо некӣ панд диҳад, насиҳат намояд ва аз паёмадҳои бад ва зиёнҳои ҷубронопазири он носозгорӣ ва ғайра барҳазар дорад. Чӣ басо мушкилоте вобаста ба сатҳи маърифати инсонӣ ва наҷобати онҳо дар ҳамин зина ҳал мешаванд.

Вале агар панду насиҳат ба вай коргар наафтод, шеваи дигареро барои ислоҳи вазъ ба кор барад. Занро дар бистари хоб тарк намояд ва бо вай ҳамхобагӣ нанамояд. Ин равиш шеваи ислоҳи равонӣ (психологӣ) ба шумор меравад. Зеро баъзе занон аз ниёзи ғаризии мардон ба зан ва ҳамхобагӣ бардошти бад намуда, ба ғуруру ҳавобаландӣ кашида мешаванд.

Мард бо тарки ҳамхобагӣ занро аз олами эҳсосот ва авотиф ба қаламрави ақлу андеша бармегардонад ва ба ӯ мефаҳмонад, ки нигаҳ доштани конуни гарми хонавода, фазои беолоиш ва саодату оромиш дар муҳити солими он аз чунин кафравиҳои фикрӣ ва беэътидолии рафтор беҳтар аст.

Вале муҳим он аст, ки мард ин корҳоро бо некӣ, бо беҳтарин шеваи амалӣ ва бо мақсади ислоҳи вазъ анҷом диҳад, на барои нишон додани зӯроварӣ ва исботи бартарияти худ, вагарна вай шарҳан ҳеҷ гуна салоҳияте барои ин корҳо надорад. Барои андешаи солим ва аҳли фаҳм ин равиш аз ҳар чизе муассиртар воқеъ мешавад ва шояд бо ҳамин онҳо ба ҳам оянд.

Агар ин равиши амалӣ низ таъсире дар ҳал-

[1] Сураҳои Оли Имрон ва Марям низ бо номи занон ва сураи Мумтаҳана ва Муҷодала бо сифате дар шаъни занон номгузорӣ шудаанд.

ли мушкили онҳо нагузошт, пас дар марҳалаи сеюм ӯро бо шеваи муносибе таъдиб намояд, яъне барои ислоҳ ӯро ба таври нарм ва ба сурате ки ба ҷарҳу нақси ҷисмонӣ наанҷомад, бизанад. Барномаи пешниҳоднамудаи Қуръон дар ҳалли буҳронҳои хонаводагӣ, чӣ тавре мебинем, аз се зина иборат аст ва дар сурати зарурат бояд ба тартиб он се зина ва ё марҳаларо бигузарад ва онҳо дар ин муддат набояд ба чора ва роҳи ҳалли дигаре мутавассил шаванд. Қуръони карим дар ин замина мефармояд:

وَٱلَّٰتِي تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَٱهۡجُرُوهُنَّ
فِي ٱلۡمَضَاجِعِ وَٱضۡرِبُوهُنَّۖ فَإِنۡ أَطَعۡنَكُمۡ فَلَا تَبۡغُواْ
عَلَيۡهِنَّ سَبِيلًاۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيّٗا كَبِيرٗا

«Ва занонеро, ки аз носозгории онҳо хавф доред, онҳоро (дар марҳалаи аввал) панд диҳед ва (дар марҳалаи дуюм) онҳоро дар ҷойҳои хоб тарк намоед ва (дар марҳалаи сеюм) онҳоро бизанед. Агар (бо корбурди яке ва ё ҳамаи ин чораҳо) аз шумо итоат намуданд, пас аз он бар онҳо роҳи дигаре наҷӯед. Худо, воқеан ҳам, баландмартаба (ва) бузург аст».[1]

Ҳамон гуна ки мебинем, задан ва адаб намудан охирин илоҷи ин равиши ислоҳӣ мебошад ва бояд пеш аз он ду зинаи дигарро бигузарад. Задан дар забони арабӣ ба маънои ба таври муносиб адаб додан низ мебошад. Хӯи инсонӣ ва табиати ӯро зариба, ба маънои задашуда ва ё ниҳодашуда, мегӯянд. Яъне барои ислоҳ намудани роҳу рафтор ва хӯи бади онҳо эшонро адаб намоед, яъне бизанед.

Суннати расули Худо (с) меъёру ҳудуд ва тарзи ин таъдибро баён намудааст. Аввал, он ки бо мақсади ислоҳ бошад, дуюм, он ки ду-се бор ва ғайри мубарриҳ (пайгузор) бошад.

Дар «Саҳеҳи Муслим» аз Ҷобир (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ дар зимни баёни ҳуқуқҳои зану шавҳар бар якдигар фармуд: ***«Дар бораи занон тақвои Худоро дошта бошед, ки онҳо амонатҳое (аз ҷониби Худо) назди шумо ҳастанд. (Шумо ва онҳо ҳуқуқе бар якдигар доред!). Ҳаққи шумо бар онҳо ин аст, ки касеро, ки (аз нозднконаш) дӯст намедоред, ба хонаи шумо ворид насозанд. Агар чунин карданд, онҳоро ба сурати ғайри мубарриҳ (пайгузор ва сиёҳсозанда) бизанед. Ва ҳаққи онҳо бар шумо он аст, ки ба онҳо бо некӣ (муошират намоед), яъне ниёзҳои зиндагониашонро, аз қабили хӯроку пӯшок таъмин намоед»***.

Аз Ибни Аббос (рз) ва дигар муфассирони Қуръон дар тафсири ояти боло задани ғайри мубарриҳ омадааст ва Ҳасани Басрӣ (рҳ) ғайри мубарриҳро ғайри муассир (бо таъсироти ҷисмӣ) маънидод намудааст.[2]

Соҳиби тафсири «ал-Мунир» ва «ал-Васит», доктор Ваҳба Зуҳайлӣ дар шарҳи задани ғайри мубарриҳ овардааст, ки он ба маънои ғайри азиятовар мебошад ва бояд бо даст ба сурати нарме се бор бар китфи вай ва ё бо чӯби мисвок ва ё бо чӯбчаи сабуки дигаре анҷом гирад, на бо кафи даст (ва бо мушт бар рӯй ва ё бо калтаку шатта ва ғайра), ки боиси осебҳои ҷисмӣ мегарданд. Зеро ҳадаф аз ин иқдом ислоҳи вазъ мебошад, на чизи дигаре. Пас задан як амр (ишора)-и рамзӣ аст.[3]

Дар тафсири «Маорифу-л-Қуръон» дар ин бора омадааст, ки: «Ду равиши ислоҳоварии якум ва дуюм насиҳатҳо ва ислоҳоварихои шарофатмандона мебошанд. Аз паёмбарони Худо (с) ба кор рафтани он ду равиши ислоҳӣ нисбат ба занон ба субут расидааст. Аммо равиши сеюм (задан), ҳарчанд дар ҳолатҳои истисноӣ ва дар доираи маҳдуде иҷозат бошад ҳам, паёмбари ислом (с) иршод намудаанд, ки: ***«Мардони хубу (бонаҷобат) ҳаргиз занони худро намезананд»***.[4]

Дар ин оят назокати қонуни илоҳиро ба хубӣ мушоҳида менамоем. Қуръони карим мехоҳад дар ибтидо марду зан аз нерӯи фикру андеша ва зарфиятҳои инсонии худ истифода намоянд ва худ чорасози мушкилоти дохили хеш бошанд. Дар айни ҳол асрори маҳрамонаи оилавиашон аз ифшо шудан ва ба даҳонҳо афтодан маҳфуз бимонад.

Зеро ифшои асрори маҳрамонаи хонаводагӣ имкон дорад ҳалли буҳрони ба вуҷудомадаро мушкилтар намояд ва аз тарафи дигар, он кор ба ҳайсияти иҷтимоии онҳо латма мезанад. Нигоҳ доштани доманаи носозгорӣ дар доиҳ

[1] Сураи Нисо, 4: 34.

[2] Мисбоҳи мунир. – С. 291.

[3] Ваҳба Зуҳайлӣ. Тафсири ал-Васит. – Ҷ. 1. – С. 317.

[4] Тафсири «Маорифу-л-Қуръон». – Ҷ. 3. – С. 495.

раи огоҳии худи зану шавҳар аз як сӯ, ҳалли онро барояшон осонтар месозад ва аз сӯи дигар, фарзандонро низ аз паёмадҳои бади равонии он эмин нигаҳ медорад.

МАРҲАЛАИ ДИГАРИ ҲАЛЛИ БУҲРОН

Вале ҳангоме кор то ин марҳала ба таври дуруст ба поён нарасид ва он се равиши ислоҳӣ натиҷаи дилхоҳ набахшиданд, набояд бори дуюм ба истифодаи он равишҳо баргашт. Мард дигар набояд он шеваҳоро ба кор гирад. Зеро бо бакоргирии такрории онҳо оҳиста-оҳиста муҳити ороми хонавода барҳам мехӯрад ва он шеваҳои ислоҳӣ ба унсури фишору зӯроварӣ, ҷангу кашмакашҳои вайронгар ва лату кӯби доимӣ табдил меёбанд, ки ислом аз чунин коре безор мебошад.

Балки бояд роҳи ҳалли тозаеро дар пеш гиранд ва додгоҳи хонаводагие ташкил намоянд. Як довари хайрхоҳ, хирадманд ва ислоҳталаб аз ҷониби аҳли мард ва яке аз ҷониби хонаводаи зан пой дар миён ниҳанд ва барои ислоҳи онҳо аз ҳеҷ кӯшише фурӯгузор нанамоянд.

Ҳанӯз ислом то ин марҳала намехоҳад кор ба додгоҳи қонун ва ба назди суду прокурор кашонида шавад, балки бояд боз дар роҳи ислоҳи онҳо ва бартараф намудани буҳрони хонаводагӣ қадами дигаре дар дохили хонавода бардошта шавад. Додгоҳи қонун то ин марҳала низ ҳаққи дахолат дар умури дохили хонаводагии онҳоро надорад. Баръакс, ҳамон додгоҳи хонаводагӣ шаръан салоҳияти баррасӣ ва ҳалли мушкили онҳоро доро мебошад.

Ояти 35-уми сураи Нисо ба ин марҳалаи низоъҳои оилавӣ ва ташкили ҳайати салоҳиятдори доварони ду тараф амр намуда, пойгоҳи ҳуқуқии додгоҳи хонаводагиро ба вуҷуд овардааст, он ҷо ки мефармояд:

وَإِنْ خِفْتُمْ شِقَاقَ بَيْنِهِمَا فَٱبْعَثُوا۟ حَكَمًا مِّنْ أَهْلِهِۦ
وَحَكَمًا مِّنْ أَهْلِهَآ إِن يُرِيدَآ إِصْلَٰحًا يُوَفِّقِ ٱللَّهُ بَيْنَهُمَآ ۗ
إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا خَبِيرًا

«Ва агар аз низоъи байни онҳо хавф дошта бошед, пас доваре аз ҷониби хонаводаи мард ва доваре аз хонаводаи зан (барои ин кор) бифиристед. Агар он доварон (дар ҳақиқат) ислоҳро (дар байни онҳо) бихоҳанд, Худо дар миёни онҳо вифоқ (ва дӯстӣ)-ро ба вуҷуд меоварад. Худо, воқеан ҳам, донову огоҳ аст».

Ба ҳар ҳол, ин вазъият ҳолати истисноӣ дошта, баъзан рӯй медиҳад ва дар чаҳорчӯби маҳдуде ба шавҳар салоҳиятҳо ва ихтиёроте барои ислоҳи носозгории ба вуҷудомада дода мешавад. Ҳадафи асосии он дар бартараф намудани ташаннуҷ ва пешгирӣ аз ба хушунат гароидани мушкилӣ хулоса мешавад.

Агар мард омили носозгорӣ ва ошуфтани вазъи хонавода гашта бошад, дар тамоми мавридҳое, ки зан ҳаққи муроҷиат ба додгоҳро дошт, бояд пеш аз он ҳамин равиши ташкили додгоҳи хонаводагиро ба кор гиранд ва барои ҳалли мушкили ба амаломада ҳайати доварони ду тарафро ташкил намоянд.

ХУШУНАТҲО ДАР ҶОМЕА

Вақте бо падидаи хушунату зӯроварӣ ва дигар ноадолатиҳо ба таври умум ва дар сар то сари ҷомеа мубориза бурда нашавад ва дар мардум камарбанди амниятие аз маърифати динӣ ва имону тақво ба вуҷуд оварда нашавад, ҳолатҳои равонии мардум, тарзи тафаккури ҷомеа ва сохтори андешаи инсон андак-андак ба сӯи фарҳанги хушунат гароиш пайдо мекунад ва дар онҳо тундмизоҷӣ ва дуруштрафторӣ дар тамоми муносибатҳо реша мегирад.

Бинобар ин, тамоми муқаррароти иҷтимоии ислом ба сӯи пешгирӣ аз навъҳои гуногуни хушунат дар ҳаёти хонаводагӣ ва иҷтимоии мардум равона гардидаанд. Ба таври мисол, баъзе қонунҳои иқтисодӣ, назарияҳои иҷтимоӣ ва ғайраи исломро зикр менамоем, ки ин маъно дар онҳо ба хубӣ мушоҳида мегардад.

1. Қонуни манъи фасоди молӣ ва ришвахорӣ. Қуръони карим мефармояд:

وَلَا تَأْكُلُوٓا۟ أَمْوَٰلَكُم بَيْنَكُم بِٱلْبَٰطِلِ وَتُدْلُوا۟ بِهَآ
إِلَى ٱلْحُكَّامِ لِتَأْكُلُوا۟ فَرِيقًا مِّنْ أَمْوَٰلِ
ٱلنَّاسِ بِٱلْإِثْمِ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ

«Амвол (ва дороиятон)-ро дар миёни худ ба ботил (ва беҳуда) нахӯред ва онро (ба

унвони ришва) ба пеши ҳокимон (ва дигар одамони нуфузманди мақомоти давлатӣ) напартоед, то бахше аз молу дороии мардумро ба (ноҳақ ва) гуноҳ бихӯред, дар ҳоле ки худ (ноҳақ ва нодуруст будани ин рафторатон)-ро медонед».[1]

2. Қонун дар бораи ҷинояти куштор, ки дар ояти 178 ва 179-уми сураи Бақара баён гардидааст.

3. Қонун дар бораи ҷинояти дуздӣ ва ғоратгарӣ, ки дар ояти 38-уми сураи Моида баён гардидааст.

Хулоса, тамоми оятҳои аҳком ба ҳолатҳои хушунат ва зӯроварӣ дар ҷомеа сахт алоқамандӣ доранд. Ислом тамоми ин аҳкоми тарбиявӣ ва қонунҳои пешгирикунандаи ҷиноиро барои ба танзим даровардани ҳаёти мардум, ҷилавгирӣ аз ҳар гуна хушунату зӯроварӣ ва таъмини оромишу саодати саросарӣ дар ҷомеа пешбинӣ намудааст.

ИФФАТ ВА ПОКДОМАНӢ ДАР ҶОМЕА

Покӣ ва иффат яке аз муҳимтарин арзишҳои имонӣ ва ахлоқии ислом мебошад. Ислом покизагиву иффат ва покдоманиро ҳам дар ҳаёти фардиву хонаводагии шахс ва ҳам дар муҳити ҷомеа дӯст дошта, барои бунёди ҷомеаи солим ва пок аз ҳеҷ кӯшише фурӯгузор накардааст. Аз ба вуҷуд омадани муҳити носолими ахлоқӣ ва ривоҷ ёфтани бебандубориҳо кӯшидааст, то ба ҳар василае пешгирӣ намояд.

Худованд дар канори қонунҳои муҷозотии сахте, ки барои ин падидаи хилофи иффати инсонӣ гузоштааст, паёмадҳои бади равонӣ, бемориҳои ҷисмӣ, олудагиҳои иҷтимоӣ ва дигар зарарҳои онро дар дурнамои генафонди миллат баён доштааст, он ҷо ки мефармояд:

وَلَا تَقْرَبُوا۟ ٱلزِّنَىٰٓ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةً
وَسَآءَ سَبِيلًا

«Ба (муҳити олудаи ба) зино наздик нашавед, ки он, дар воқеъ, амали зишт (ва бебандуборӣ) буда ва роҳи (ниҳоят) бад (ва зиёнборест)».[2]

Боз мефармояд:

وَيَنْهَىٰ عَنِ ٱلْفَحْشَآءِ وَٱلْمُنكَرِ وَٱلْبَغْىِ ۚ
يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

«Худо (шуморо) аз бебандуборӣ, бадӣ ва ситам наҳӣ менамояд (ва ба ин шева) шуморо панд медиҳад, то тазаккур намоед».[3]

Ҳамчунин мефармояд:

قُلْ إِنَّمَا حَرَّمَ رَبِّىَ ٱلْفَوَٰحِشَ مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا
بَطَنَ وَٱلْإِثْمَ وَٱلْبَغْىَ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ

«Бигӯ: Парвардигорам ҳама намуди бебандубориҳои ошкору ниҳон, гуноҳ ва зулму таҷовузи ба ноҳақро қатъан ҳаром гардонидааст…».[4]

Боз мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلْفَٰحِشَةُ فِى ٱلَّذِينَ
ءَامَنُوا۟ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ

«Одамоне, ки мехоҳанд (ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки) дар миёни мардуми муъмин фаҳшову бебандуборӣ шуюъ (ва ривоҷ) пайдо намояд, барои онҳо дар дунёву охират азоби дардноке бошад…».[5]

Ислом аслан фарҳанги (ба истилоҳ) бебандуборӣ, хушунат ва дағалгароиро намепазирад ва дӯст медорад, ки покиву иффат, муносибатҳои олии инсонӣ ва муҳаббату тасомуҳ дар ҷомеа ва дар андешаи мардум ҳукмфармо бошад.

Зино ва алоқаҳои номашрӯъи ҷинсӣ ба ҳар сурате ки бошанд, дар шаръи муқаддаси ислом маҳкум шудаанд ва барои он муҷозоте низ муқаррар гаштааст.

Аз он чи ба таври фишурда дар китоби никоҳ

[1] Сураи Бақара, 2: 188.

[2] Сураи Исро, 17: 32.
[3] Сураи Наҳл, 16: 90.
[4] Сураи Аъроф, 7: 33.
[5] Сураи Нур, 24: 19.

ва талоқ, ба хусус дар фасли охир, дар бораи ҷойгоҳи зан дар пешгоҳи ислом ва ҳуқуқҳои шаръии вай баён гардид, метавон хулосаи назари дини ислом ва дидгоҳи Қуръони каримро дар бораи ҷойгоҳи рафеъ ва арзишҳои ҳуқуқии занон ба даст овард ва ҳамин тавр, ба азамат ва беназирии қонуни ислом дар ин маврид пай бурд.

Ба ҷойгоҳ ва он арзиши волое, ки дини ислом дар маҷмӯаи қонунгузорӣ ва тарҳи муносибатҳои иҷтимоии худ барои зан муайян намудааст, донишмандони мунсиф ва пажӯҳишгарони воқеъбини Ғарб низ эътироф намудаанд. Густав Лебон дар китоби «Тамаддуни ислом ва араб»-и худ дар ин бора мегӯяд:

«Ислом мақоми занро дар ҷомеа бисёр баланд бардошта, нисбат ба пешрафт ва саодати вай хадамоти шоистае анҷом додааст.

... Ислом аз ҳайсият ва арзиши зан чизе накоста, балки вайро ба мақоми баланд ва арзишманде расонидааст ва мо нахустин касе нестем, ки дар бораи ислом чунин ақида дошта бошем, балки Косен Ду Персвол пеш аз мо ин андешаро изҳор дошта буд ва Бортелмӣ Сент Ҳилар низ ба ин ақида бо мо ҳамраъй мебошад.

Ислом аввалин дине мебошад, ки дар ислоҳи ҳоли занон ва пешрафти ҳамаҷонибаи онҳо қадамҳои густардае бардоштааст ва ин матлаб ба таври бадеҳӣ равшан аст, ки вазъ ва ҳоли занон дар динҳои пеш аз ислом бисёр зоеъ ва ошуфта буд».[1]

Гузашта аз ин, он ҷойгоҳи боазамате, ки ислом барои зан ба вуҷуд оварда буд ва он рафтори олие, ки мусулмонон дар даврони шукӯҳ ва азамати ислом дар муошират бо занон барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба намоиш гузошта буданд, дар ҳаёт ва зеҳнияти мардуми Аврупо таъсири худро гузошта буд. Бояд пазируфт, ки зан дар ҷомеаи мутамаддини имрӯз дар бобати ба даст овардани ҳуқуқҳо ва озодиҳои худ мадюни арзишҳои волои ислом ва хадамоти баёдмондании мусулмонон барои ҷомеаи башарӣ мебошад. Густав Лебон дар ин бора мегӯяд:

«Ахлоқи ҷавонмардонаи мардуми Аврупо, ки як бахши умдаи онро рафтор бо занон ташкил медиҳад, аз мусулмонон ба мо расидааст ва дар зери таъсири онҳо ба вуҷуд омадааст. Дине, ки тавонист занро аз он дараҷаи паст ва хориву зиллат наҷот бахшад ва ба авҷи иззату каромат бирасонад, дини ислом буд, на дини масеҳӣ, чунонки оммаи мардум хаёл мекунанд. Зеро амирон ва сарварони мо дар асрҳои миёна бо вуҷуди он ки насронӣ буданд, барои зан ҳеҷ гуна эҳтироме қоил набуданд ва дар китобҳои таърих омадааст, ки пеш аз он ки мусулмонон ба гузаштагони мо (аврупоиён) эҳтироми занро биомӯзанд, амирон ва сарварони мо бо камоли ваҳшоният ба онҳо рафтор мекарданд».[2]

ТАФОВУТҲОИ МАРДУ ЗАН

Аз сӯи дигар, ислом тафовутҳои физиологӣ (ҷисмонӣ) ва равонии марду занро дар қонунгузории худ ба эътибор гирифта ва аҳкоми худро бар асоси воқеъиятҳои айнӣ поярезӣ намудааст.

Марду зан дар сохтори ҷисмӣ, хусусиятҳои физиологӣ, ҳолатҳои равонӣ ва дигар бахшҳои ҳастии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Зеро онҳо дар якҷоягӣ камоли инсониро ба вуҷуд овардаанд ва ҳар яке ба танҳои нисфи он ба шумор меравад. Пас он вазифаеро, ки ҳар яки онҳо барои ҳифз ва имтидоди ҳаёти инсонӣ анҷом медиҳад, ҳамин тафовутҳоро аз эшон талаб мекунад.

Рамзи муваффақияти қонунҳои ислом дар ташаккули шахсият ва худсозии инсон низ дар он аст, ки онҳо дар таносуб бо тафовутҳои мавҷуд дар ҳар ду қишр поягузорӣ шудаанд, ки бо тобу тавон, тафовутҳо ва маҳдудаи имкониятҳои вуҷудии ҳар қишре ҳамсозии комил доранд ва бе ҳеҷ тардиде, ин таносуб ва ҳамгунӣ яке аз вуҷӯҳи эъҷози он ба шумор меравад.

Ин тафовутҳо албатта, ба асли инсонии онҳо дахле надоранд, балки он дар чаҳорчӯби офариниши илоҳӣ ва бар асари иқтизои вазифаи онҳо дар ҳаёт ба вуҷуд омадааст. Тафовутҳои маз-

[1] Маҳдии Маҳрезӣ. Шахсият ва ҳуқуқи зан дар ислом, муқаддима. – С. 21. – Теҳрон, 2007; Густав Лебон. Таърихи тамаддуни ислом ва араб (тарҷимаи Муҳаммадтақӣ Фахрдоъии Гелонӣ). – С. 504. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1386 ш. (2007 м.); Гюстав Лебон. История арабской цивилизации. – Ст. 403. – Минск, 2009.

[2] Нақши фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар бедории Ғарб. – С. 269; Таърихи тамаддуни ислом ва араб. – С. 501; История арабской цивилизации. – Ст. 401.

кур аз фарқиятҳои ҷисмӣ (физиологӣ) ва равонӣ (психологӣ)-и марду зан аз якдигар иборатанд, ки дар таносуб бо онҳо баъзе тафовутҳои фиқҳӣ барои ҳар қишре пешбинӣ шудааст.

1. Тафовутҳои ҷисмӣ. Зан дар нармии ҷисм, латофати бадан, отифаи рақиқ, узубати суҳан ва ғайра аз мард фарқ мекунад.

Дар таҳқиқоти илми зистшиносӣ (биология) ба исбот расида, ки зан дар тамоми чиз: аз сурат ва узвҳои беруна, то зарраҳои ҷисмӣ ва ҷавҳари протеинии таркиби ҳуҷайраҳо дар бофтаҳояш аз мард фарқ мекунад. Аз ҳамон ибтидои муайян шудани ҷинси ҷанин рушди таркиби ҷисмонии ҳар ду ҷинс ба шакли мутафовит пеш меравад ва ҳайкали ҷисмонии зан дар ниҳоят ба сурате инкишоф меёбад, ки барои анҷоми вазифааш дар ҳаёт омода мегардад ва ҳамин чиз роҳи ӯро дар оянда муайян месозад.

Пас аз расидан ба синни булуғ, вақте ҷараёни табиии ҳайз (узри моҳона) барои зан шурӯъ мегардад, фаъолият ва ҳаракоти тамоми аъзои баданаш дар он асно аз он мутаассир мегарданд. Пажӯҳишҳо ва мушоҳадоти илми зистшиносӣ ва илми анатомия ба он далолат мекунанд, ки дар аснои ҳайз тағйироти зерин дар вуҷуди зан ба мушоҳида мерасанд: 1. Қувваи нигаҳдории ҳарорати бадан дар ҷисми зан кам мегардад ва дар натиҷаи берун шудани гармии зиёд аз бадан дараҷаи ҳарорати он паст мешавад; 2. Тапиши набз суст ва фишори хун паст мешавад ва дар натиҷа интиқоли ҳуҷайраҳои он кам мегардад; 3. Дар ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ (эндокринӣ), ғадудҳои гулӯ ва ғадуди савдоӣ (лимфовӣ) тағйироте ба мушоҳида мерасад; 4. Коркард, фаъолияти метаболистӣ ва мубодилаи моддаҳо дар дохили ҳуҷайраҳо кам мегардад; 5. Қобилияти ихроҷи таркиботи химиявӣ (намакҳо)-и фосфат ва хлорид аз бадан паст мегардад ва мубодилаи ғазӣ хеле поин меравад; 6. Раванди ҳазм халалдор мегардад ва часпоиши чарбу ва дигар маводи протеиние, ки дар таркиби хӯрданиҳо вуҷуд доранд, бо бофтаҳои бадан кам мешавад; 7. Ҳолати афсурдагӣ бар зан ғолиб мегардад ва қобилияти идрок дар вай суст мешавад; 8. Ҳушёрии зеҳнӣ ва ҷамъияти хотирро аз даст медиҳад.

Ин ҳама тағйирот дар маҷмӯъ зани ҳоизро ба ҳолате шабеҳи бемор наздик месозад.

Устод Карше Шекфеский дар зимни озмоишҳои равоншиносии худ ба ин натиҷа расидааст, ки маҷмӯаи асабӣ дар вуҷуди зан дар айёми ҳайз ба ҷӯш меояд ва дучори ихтилол ва заъфи идрок мегардад ва қобилияти ҷисмиаш низ дар он муддат суст мегардад. Он гоҳ меафзояд: Аз ин ҳама дар аснои ҳайз замони бордорӣ боз ҳам сангинтар аст.[1]

Зан ба таври табиӣ моҳе як бор ҳайз мебинад ва ба он тағйироти физиологӣ ва равонӣ дучор мегардад, ба ин маъно, ки моҳе як бор ба афсурдагии ҷисмӣ, тирагии хотир ва парешонии равонӣ гирифтор мешавад. Илова бар ин, дар ҳар давраи бордорӣ то вазъи ҳамл тақрибан бештар аз нуҳ моҳ ба сахтиҳои ҳамлу вилодат рӯ ба рӯ мегардад, ки ҳамаи ин рӯи ҳам рафта дар вазъи ибодат, барномаи рушди зеҳнӣ ва раванди такомули шахсияти иҷтимоии вай таъсир мегузоранд.

Мағзи сари зан ба таври мутавассит ҳудудан сад грамм аз мағзи сари мард камтар мебошад, шиканҳо, печу тобҳо ва ҷавҳари санҷобшакли он, ки маркази нуқтаи идрок аст, нисбат ба ҳамин чизҳо дар мағзи сари мард хеле кам ва дорои тафовут аст. Вале бо ин вуҷуд маркази эҳсос ва фаъолиятҳои отифӣ дар он нисбат ба мард бештар инкишоф ёфтааст.

Ҳатто дили зан аз дили мард хурдтар буда, набз ва тапиши он дар ҳар дақиқа тақрибан 10-14 бор аз дили мард бештар ва сареътар аст.

Ин тафовутҳо илова бар он фарқиятҳои мутлақи физиологие ҳастанд, ки дар ҷисми зан вуҷуд доранд, ба монанди сина, бачадон, тухмдон, ғадудҳои коркарди шир ва ғайра, ки дар мард чизе аз онҳо вуҷуд надорад.

2. Тафовутҳои равонӣ. Ҳолатҳои нафсӣ ва равандҳои равонӣ дар зан ба таври умумӣ аз мард фарқ мекунанд. Аз ҷумла, нерӯи отифаи зан аз мард қавитар аст, вале нерӯи ирода дар мард пойдортар аст, зан тез ва бо сабабҳои ночизе ба ғазаб меояд ва идораи асабҳо ва эҳсоси худро аз даст медиҳад.

Ҳамчунин отифаи раҳмдилӣ, дилсӯзӣ ва шафқат дар зан ниҳоят қавӣ аст ва ба андозаи тафовути ҳар ду ҷинс аз якдигар аз ин ҳолатҳо дар мард фарқ дорад. Қобилияти ҳифзи хоти-

[1] ал-Марату-л-муслима. – С. 63, 64.

раи дарозмуддат ва захираи он дар зан заъифтар ва раванди фаромӯшсозӣ дар вай сареътар аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин падида дар нерӯи ҳофизаи қишри занон дини ислом шаҳодат ва гувоҳии ду занро баробари шаҳодати як мард донистааст, то ба ин восита нақси зарфиятҳои зеҳнӣ дар онҳо ҷуброн шавад. Қуръони карим дар ояти «дайн» мефармояд:

«Ва аз миёни мардони худ (бар китобати он) ду шоҳид баргиред. Агар ду мард набошад, пас як мард ва ду зан аз он шоҳидоне (баргиред), ки (ба шаҳодати онҳо) розӣ ҳастед, то агар яке аз онҳо (дар чизе худро) гум созад, яке аз онҳо дигарашро ба ёд оварад».[1]

Албатта, инҳо намунаҳое аз тафовутҳои ҷисмонӣ ва равонии зан аз мард буданд, вале фарқияти онҳо ба ин намунаҳо маҳдуд намегардад. Худованди ҳаким ба таври дақиқ ба ин тафовутҳо ишора менамояд, он ҷо ки мефармояд: **«Ва мард мисли зан нест»**.[2]

Ҳамчунин гуфтанист, ки ин тафовутҳо бо меъёри миёна ва дар ҳадди мутавассит дар назар гирифта шудаанд. Аммо ба таври инфиродӣ имкон дорад, ки зане дар баъзе хусусиятҳо ба мардон наздик бошад ва ё марде дар порае аз тарҳҳои ҷисмонӣ ва ё хислатҳои нафсонӣ ба занон монанд ва ё умуман, зансифат бошад.

Вақте зан ба таври куллӣ дар сохтори ҷисмонӣ ва хусусиятҳои равонии худ аз мард фарқ кунад, пас аз ҳикмат нест, ки барои вай ҳамон қонунҳои фиқҳӣ ва аҳкоми иҷтимоие пешбинӣ шаванд ва ё шаръан аз вай аъмоле таклиф (талаб карда) шавад, ки барои мардон муайян шудаанд ва аз тобу тавон ва имконоти вуҷудии ӯ болотаранд. Балки дар ҳавзаи қонунгузории ислом чунин чизе аслан вуҷуд надорад.

Бинобар ин, тамоми тафовутҳои фиқҳӣ ва аҳкоми мутафовити ибодатӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайрае, ки дар қонунгузории ислом дар байни занон ва мардон мушоҳида мешаванд, бо таваҷҷуҳ ба ҳамин тафовутҳои ҷисмонӣ ва равонии онҳо пешбинӣ шудаанд ва уҳдадории баъзе масъулиятҳо ва идораи баъзе умур ба мардон ихтисос ёфтааст.

[1] Сураи Бақара, 2: 282.

[2] Сураи Оли Имрон, 3: 36.

ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ВА ИҶТИМОӢ

Вақте ба вазъи зан дар ҷаҳони онрӯз аз назари бархӯрди манфии иҷтимоӣ ва дар андешаи ғайривоқеъбинонаи миллатҳои куҳан менигарем, ба хубӣ ба ин воқеъият пай мебарем, ки ислом таҳаввули азиме дар ин замина ба вуҷуд овардааст. Аз як сӯ, вазъи иҷтимоии занро дар қаламрави ҷаҳони ислом ба эътидол даровард ва барои вай ҷойгоҳи муносиби ҳуқуқие ба вуҷуд овард ва аз сӯи дигар, андешаи ҷомеаи ҷаҳониро нисбат ба вай дигар намуд ва ин корномаи азим дурнамои ҳаёти занро барои оянда дар саросари ҷаҳон муайян сохт.

Дар назди коршиносони масоили иҷтимоӣ ва ҷомеашиносон ба хубӣ равшан аст, ки эҷоди чунин таҳаввуле дар миқёси ҷаҳонӣ ба дигаргунии куллӣ дар андешаи мардум ва инқилоби фикрӣ ниёз дорад ва ин амр бо пешниҳоди як назария, нашри китобу мақола ва ё доир намудани канфронси илмӣ ҳал намешавад.

Корномаи бузурги ислом дар ин замина он аст, ки тавонист барои зан каромати инсонӣ ва ҷойгоҳи муносиби иҷтимоие дар ҷаҳон баркарор намояд ва нигоҳ ва андешаи мардумро дар бораи вай дигар созад.

Аз назари тамоми динҳои пешин ва аксари мактабҳои фалсафӣ дар он рӯзгор зан унсури бадӣ ва сарчашмаи тамоми мусибатҳо ва гуноҳон ба шумор мерафт. Ин тарзи тафаккур ва нигоҳи манфӣ ба зан боис шуда, ки ҳаёти безанӣ ва рӯйтофтан аз издивоҷ дар байни мардум, ба хусус мардони дин, ба гунае шоеъ шавад ва он роҳи халосӣ аз бадиҳо ва расидан ба камолоти инсонӣ дониста шавад. Шахсе, ки аз барпо намудани оила худдорӣ меварзид ва дар танҳоӣ ба сар мебурд, беҳтарин инсон ва одами муқаддас ба шумор мерафт.

Дар Доиратулмаорифи Британиё дар ин бора омадааст: «Безанӣ ва танҳо зистан дар ҳаёти динии башарият ба гунае (ба шакле аз шаклҳо) дар имтидоди асрҳо вуҷуд дошта ва ин падида тақрибан дар тамоми динҳои ҷаҳонӣ ба зуҳур расидааст».[3]

[3] Ваҳидуддинхон. Зан дар шариати ислом ва тамаддуни ғарбӣ (тарҷимаи арабӣ, Саййид Раисаҳмади Надвӣ). – С. 26. Ба нақл аз Доиратулмаориф (Энтсиклопедия)-и Британиё. – Ҷ. 3. – С. 1040.

Дар ҷои дигар мегӯяд: «Ҳадаф аз андешаи безанӣ пӯшидани симои қадосат ба мардони дин буд. Марди дин мебоист дар олами рӯҳии худ ба зоти хеш иктифо кунад, дар ҳоле ки барпо намудани пайванди издивоҷ бо зан дар такомули шахсияти вай эътимод ба сарчашмаи хориҷӣ ба шумор меравад. Омӯзиши динҳои ибтидоӣ ин нуктаро равшан месозад, ки барпо намудани пайвандҳои заношавҳарӣ барои мардони дин мамнӯъ будааст. Одоб ва анъанаҳои диние, ки дар асрҳои баъдӣ ба зуҳур расиданд, ҳамеша таъкид дошта, ки ҳаёти безанӣ муставои ахлоқӣ ва рӯҳии инсонро баланд мебардорад. Бинобар ин, касе ба ахлоқ ва рӯҳиёти баланд чашм дӯзад, бояд аз издивоҷ ва агар оиладор бошад, аз анҷоми муошират ҷинсӣ худдорӣ варзад, зеро алоқаи ҷинсӣ душмани воқеии дин ба шумор меравад. Камоли рӯҳӣ барои зан он аст, ки як умр бешавҳар боқӣ бимонад ва аз дунё танҳо биравад.

Бар асоси таълимоти диёнати Руми қадим намунаи олии муаллими рӯҳӣ аз файласуфон ва мардони дин он аст, ки дар ҳаёти танҳо ва без анӣ ба сар барад. Диёнати Ҷанизм (Jainism)-и ҳиндӣ ҳатто аз назар андохтан ба зан наҳӣ мекунад ва дар кеши буддоӣ ва дигар динҳо низ зан вазъи мушобеҳе дорад».[1]

Расули акрам (с) аввалин шахсияте дар таърихи башарият аст, ки ин андешаҳоро қавлан ва амалан рад кард ва барои мардум эълом дошт, ки рӯйтофтан аз издивоҷ ҳеҷ гуна шараф ва қадосате ба шумор намеравад ва зан унсури бадӣ ва сарчашмаи мусибатҳо набуда, балки вай сарчашмаи хайру баракат дар зиндагӣ аст. Ҳатто ӯро дар радифи зеботарин зебоиҳои табиат – гул ва хушбӯй қарор дод, он ҷо ки мефармояд: ***«Зан ва хушбӯӣ маҳбубтарин ашёи дунё дар назди ман ҳастанд»***.

Он ҳазрат (с) барои эҷоди чунин таҳаввуле дар андешаи башарият тамоми васоили қавлӣ, амалӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ба кор андохт ва ба гуфтаи ректори донишгоҳи Женева устод Монте [Montet] дар муқаддимаи тарҷимаи Қуръонаш «ҳамин корнома ба танҳоӣ кофист, ки барои Муҳаммад (с) номи фаромӯшношуданиеро дар байни муслиҳони асраш сабт намояд».[2]

[1] Ҳамон сарчашма. – С. 26, 27. Ба нақл аз Доиратулмаориф (Энсиклопедия)-и Британиё. – Ҷ. 16. – С. 599.

[2] ал-Мадхалу-л-фиқҳӣ. – С. 51.

МАНОБЕЪ ВА САРЧАШМАҲО

1. Britannica Настольная энциклопедия. – М.: ООО «Издательство Астрель», 2009.
2. Аббос Қадёнӣ. Фарҳанги ҷомеъи адён ва мазоҳиб. – Теҳрон, 1392 ш.
3. Абдулазим ибни Бадавӣ. Мухтасари фиқҳ аз Қуръон ва Суннат (тарҷимаи форсӣ, Абдуллоҳи Муҳаммадӣ). – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 2004.
4. Абдулваҳҳоб Халлоф. Илми усули фиқҳ. – Қоҳира: Дору-л-ҳадис, 2003.
5. Абдулкарим Зайдон. ал-Муфассал фӣ аҳкоми-л-маръати ва-л-байти-л-муслим фи-ш-шариати-л-исломия. – Бейрут: Муассисаи Рисолат. 1997.
6. Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Тамимии Самъонӣ. ал-Ансоб. – Қоҳира, 1984.
7. Абдулкарими Зайдон. ал-Ваҷиз фӣ усули-л-фиқҳ. – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 2006.
8. Абдулқоҳир ибни Тоҳир ал-Бағдодӣ. ал-Фарқу байна-л-фирақ ва баёну-л-фирқати-н-ноҷияти минҳум. – Бейрут: Дору-л-офоқи-л-ҷадида, 1982.
9. Абдулқоҳир ибни Тоҳир ал-Бағдодӣ. Усулу-д-дин. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2002.
10. Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмони Доримии Самарқандӣ, Сунани Доримӣ. – Қоҳира: Дору-л-ҳадис, 2000.
11. Абдуллоҳ ибни Маҳмуд ибни Мавдуди Мавсилӣ. ал-Ихтиёр ли таълили-л-мухтор. – Бейрут: Дору-н-намузаҷия, 2002.
12. Абдулҳай ибни Абдулҳалим ал-Лакҳнавӣ, Умдату-р-риъоя ало Шарҳи-л-виқоя. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2009.
13. Абдулҳаққ Муҳаддиси Деҳлавӣ. Ашиъъату-л-ламаъот, тарҷима ва шарҳи «Мишкоту-л-масобеҳ» дар илми ҳадис. – Зоҳидон: Интишороти Форуқи Аъзам, 1389 ш.
14. Абдулҳалим Авис. Мавсӯату-л-фиқҳи-л-исломийи-л-муосир. – Мансура: Дору-л-вафо, 1426 ҳ. (2004 м.).
15. Абдулҳалими Ҷундӣ, Абуҳанифа қаҳрамони озодӣ ва тасомуҳ дар ислом. – Қоҳира: Дору-л-маърифат.
16. Абдулҳамид Маҳмуд Таҳмоз. ал-Фиқҳу-л-исломӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Димишқ: Дору-л-қалам, 1430 ҳ. (2009 м.).
17. Абдулҳодӣ ал-Фазлӣ. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ. – Бейрут, 1992.
18. Абдулҷалил Бароҳуӣ Зоҳидӣ. Аъмоли хилофи иффат дар ислом. – Турбати Ҷом: Овои ислом, 1388 ш.
19. Абдурраҳим Фирӯзи Ҳиравӣ, Анису-н-нисо. – Риёз: Дору-л-ватан, 2001.
20. Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Сулаймон ал-Калибулӣ ал-мадъув би Шайхизода ал-Ҳанафӣ ал-маъруф би Домод Афандӣ. Маҷмаъу-л-анҳур фӣ шарҳи Мултақа-л-абҳур. – Бейрут, 1998.
21. Абдурраҳмони Ҷузайрӣ. Фиқҳ бар асоси мазҳабҳои чаҳоргона. – Қоҳира: Мактабату-с-сафо, 2003.
22. Абдушарифи Боқизода, Рисолаҳои имом Абуҳанифа (рҳ) дар бораи арзишҳои эътиқодии ислом. – Душанбе: Паёми ошно, 2009.

23. Абдушарифи Боқизода. Закот ва ҷойгоҳи он дар низоми ислом. – Душанбе: Эр-граф, 2008.

24. Абдушарифи Боқизода. Рӯзаи моҳи Рамазон. – Душанбе: Паёми ошно, 2009.

25. Абдушарифи Боқизода. Ҳаҷ: таърих, моҳият, маносик ва аҳкоми он. – Душанбе, 2009.

26. Абуабдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳанбали Шайбонӣ. Муснади имом Аҳмад. – Риёз: Байту-л-афкору-д-давлия, 1998.

27. Абуабдуллоҳ имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. ал-Ҷомеъу-л-кабир. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1421 ҳ. (2000 м.).

28. Абуабдуллоҳ имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. Китоби ал-Асл маъруф ба ал-Мабсут (таҳқиқи Абулвафои Афғонӣ). – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1990.

29. Абуабдуллоҳ имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. Китобу-л-ҳуҷҷати ъало аҳли-л-Мадина. – Бейрут: Оламу-л-китоб, 2006.

30. Абуабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ. Муваттаъ (ба ривояти имом Муҳаммад ибни Ҳасан). – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1979.

31. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ маъруф ба Хатиби Табрезӣ. Мишкоту-л-масобеҳ. – Бейрут: Ширкату дори-л-Арқам ибни Абуларқам, 1996.

32. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ. Мустадраки Ҳоким. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 2006.

33. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ансории Қуртубӣ. ал-Ҷомеъ ли аҳкоми-л-Қуръон (Тафсири Қуртубӣ). – Бейрут: Дору-л-китоби-л-арабӣ, 2004.

34. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 2004.

35. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Насри Марвазӣ. Мухтасару Қиёми-л-лайл ва Қиёми Рамазон ва Китоби витр. – С. 222. – Файсалобод, 1988 м./1408 ҳ.

36. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. Китобу-л-осор (таҳқиқи Абулвафои Афғонӣ). – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1993.

37. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид ибни Моҷаи Қазвинӣ. Сунани Ибни Моҷа. – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 2000.

38. Абуабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ. Амалу-л-явми ва-л-лайла. – Димишқ: Дору-л-калими-т-таййиб, 2001.

39. Абуабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ. Сунани Куброи Насоӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1411 ҳ. (1991).

40. Абуабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ. Сунани Насоӣ. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 2007.

41. Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмад ал-Усмонӣ. Тарҷимаи форсии ар-Рисолату-л-қушайрия. – Теҳрон, 1390 ш.

42. Абубакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абушайбаи Куфӣ. Мусаннафи Ибни Абушайба. – Риёз: Мактабату-р-рушд, 1409 ҳ. (1989).

43. Абубакр Абдурраззоқ ибни Ҳумом, Абуяълои Санъонӣ. Мусаннафи Абдурраззоқ. – Бейрут: ал-Мактабу-л-исломӣ, 1403 ҳ. (1983).

44. Абубакр Аҳмад ибни Амр ибни Абдулхолиқи Аткӣ маъруф ба Баззор. Муснади Баззор (ал-Баҳру-з-заххор). – Бейрут: Муассисаи улуми Қуръон, Мактабату-л-улуми ва-л-ҳикам, 1409 ҳ. (1989).

45. Абубакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мусои Байҳақӣ. Сунани Куброи Байҳақӣ. – Бейрут: Дору-л-фикр, 2005.

46. Абубакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мусои Байҳақӣ. Шуъабу-л-имони Байҳақӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1410 ҳ. (1990).

47. Абубакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мусои Байҳақӣ. Маърифату-с-сунани ва-л-осор. – Қоҳира: Дору-л-вафо, 1412 ҳ. (1992).

48. Абубакр ибни Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ҳаддоди-л-Яманӣ. ал-Ҷавҳарату-н-наййира ало Мухтасари-л-Қудурӣ. – Карочӣ, соли чоп нишон дода нашудааст.

49. Абубакр Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Хузаймаи Суламии Нишопурӣ маъруф ба Ибни Хузайма. Саҳеҳи Ибни Хузайма. – Бейрут: ал-Мактабу-л-исломӣ, 1970.

50. Абубакр Ҷобири Ҷазоирӣ. Куллиёти Ислом (тарҷимаи форсӣ. Абдулазизи Салимӣ). – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 2002.

51. Абудовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абудовуд. – Бейрут: Дору-л-фикр, 2005.

52. Абузайд Бакр ибни Абдуллоҳ. Фиқҳу-н-навозил. – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1422 ҳ. (2001 м.).

53. Абузакарийё Муҳйиддин Яҳё ибни Шарафи Нававӣ. Одобу-л-фатво ва-л-муфтӣ ва-л-мустафтӣ. – Димишқ: Дору-л-фикр, 1998.

54. Абузакарийё Муҳйиддин Яҳё ибни Шарафи Нававӣ. Хулосату-л-аҳком фӣ муҳиммоти-с-сунани ва қавоъиди-л-ислом. – Бейрут, 1997.

55. Абуисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ. ал-Илалу-л-кабир. – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1989.

56. Абуисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 2002.

57. Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозин ал-Қушайрӣ Зайнулислом. ар-Рисолату-л-қушайрия. – Теҳрон, 1391 ш.

58. Абулқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ. ал-Муъҷаму-л-авсат. – Қоҳира: Дору-л-ҳарамайн, 1415 ҳ. (1993).

59. Абулқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ. ал-Муъҷаму-л-кабир. – Мавсил: Мактабату-л-улуми ва-л-ҳикам, 1404 ҳ. (1984).

60. Абулқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ. ал-Муъҷаму-с-сағир. – Бейрут: ал-Мактабу-л-исломӣ, 1405 ҳ. (1985).

61. Абулқосими Гурҷӣ, Таърихи фиқҳ ва фуқаҳо. – Теҳрон, 1388 ш.

62. Абуллайс Наср ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳими Самарқандӣ. Хазонату-л-фиқҳ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1426 ҳ. (2005 м.).

63. Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Талхису-л-ҳабир фӣ аҳодиси-р-Рофиъийи-л-Кабир. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1419 ҳ. (1989).

64. Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Фатҳу-л-борӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ». – Бейрут: Дору-л-фикр, 1993.

65. Абулфазл Иёз ибни Мусои Яҳсубӣ маъруф ба Қозӣ Иёз. аш-Шифо би таърифи ҳуқуқи-л-Мустафо. – Бейрут, 1404 . (1984 м.).

66. Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Аҳмад ибни Раҷаби Ҳанбалӣ. Латоифу-л-маориф.

67. Абулфараҷ маъруф ба Ибни Раҷаби Ҳанбалӣ, Фатҳу-л-борӣ. шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. – Қоҳира, 1996.

68. Абулфидо Исмоил ибни Умар ибни Касири Димишқӣ. Мисбоҳи мунир (Гузидаи тафсири Ибни Касир). – Риёз: Дору-с-салом, 2002.

69. Абулҳасан Алӣ ибни Умари Дорақутнӣ. Сунани Дорақутнӣ. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 1966.

70. Абулҳасан Алоуддин Алии Муттақӣ ибни Ҳусомуддин ибни Қозӣ Абдулмалик ибни Қозихон маъруф ба Муттақии Ҳиндӣ. Канзу-л-ъуммол фӣ сунани-л-ақволи ва-л-афъол. – Бейрут: Байту-л-афкори-д-давлия, 2005.

71. Абулҳасан Бурҳонуддин Алӣ ибни Абубакр ибни Абдулҷалили Фарғонии Марғинонӣ. ал-Ҳидоя шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ. – Карочӣ: Мактабату-л-бушро, 2006.

72. Абулҳасан Бурҳонуддин Алӣ ибни Абубакр ибни Абдулҷалили Фарғонии Марғинонӣ. ал-Ҳидоя шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ. – Қоҳира: Дору-с-салом, 2006.

73. Абулҳасан Бурҳонуддин Алӣ ибни Абубакр ибни Абдулҷалили Фарғонии Марғинонӣ. ал-Ҳидоя шарҳу Бидояти-л-мубтадӣ маъа шарҳи-л-аллома Абдулҳайй ал-Лакҳнавӣ. – Карочӣ: Идорату-л-Қуръони ва-л-улуми-л-исломия, 1417 ҳ.

74. Абулҳасанот Муҳаммад Абдулҳаййи Лакҳнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳийя фӣ тароҷими-л-ҳанафия. – Қоҳира, 1324 ҳ.

75. Абулҳасанот Муҳаммад Абдулҳаййи Лакҳнавӣ. ан-Нофеъу-л-кабир ли ман ютолиу-ҷ-Ҷомеъа-с-сағир. – Карочӣ, 1990.

76. Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҷаъфари Бағдодӣ маъруф ба Қудурӣ. Мухтасару-л-қудурӣ. – Карочӣ: Мактабату-л-бушро, 1429 ҳ. (2008).

77. Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ибни Муслими Қушайрии Нишопурӣ. Саҳеҳи Муслим. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 2004.

78. Абулъало Муҳаммад Абдурраҳмон ибни Абдурраҳими Муборакфурӣ. Туҳфату-л-аҳвазӣ би шарҳи Ҷомеъи-т-Тирмизӣ.- Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-араб, 2009.

79. Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Азҳарӣ ал-Ҳиравӣ. Таҳзибу-л-луғат. – Ҷ. 11. – С. 118. – Қоҳира: Дору-л-қавмияти-л-арабия, 1964.

80. Абумуҳаммад Маҳмуд ибни Аҳмад Бадруддини Айнӣ. Умдату-л-қорӣ, шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. Бейрут, 2003.

81. Абуумар Усмон ибни Алӣ ибни Миҳҷан ибни Юнус маъруф ба Фахруддини Зайлаъӣ. Табйину-л-ҳақоиқ шарҳи Канзу-д-дақоиқ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1420 ҳ. (2000 м.).

82. Абуумар Юсуф ибни Абдулбарри Намирии Қуртубӣ. ал-Интиқо. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия.

83. Абуҳомид ал-Ғазолӣ. ал-Мунқизу мина-з-залол ва-л-мусилу ило Зилъиззати валҷалол. – Бейрут: Дору-л-Андалус, 2003.

84. Абуҳомид ал-Ғазолӣ. Таҳофуту-л-фалосифати. – Бейрут: Дору-л-маориф, 1972.

85. Абуҳотим Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмади Тамимии Бустӣ. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон. – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1993.

86. Абуҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Саломат ибни Абдулмалики Аздии Таҳовӣ. Шарҳу маони-л-осор. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2001.

87. Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳим ибни Ҳабиби Ансорӣ. Китобу-л-Хароҷ. – Қоҳира: ал-Мактабату-л-азҳария ли-т-турос, 1420 ҳ. (1999 м.).

88. Алӣ ибни Аҳмад ал-маъруф би Ибни Ҳазм аз-Зоҳирӣ. ал-Фаслу фи-л-милали ва-л-аҳвои ва-н-ниҳал. – Бейрут: Дору-л-ҷил, 1996.

89. Алӣ ибни Муҳаммад ибни Саъид маъруф ба Адиби Кармина. Такмилату-л-асноф. – Теҳрон, 2006.

90. Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ, Мирқоту-л-мафотеҳ. шарҳу Мишкоти-л-масобеҳ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2010.

91. Алӣ Ҳайдар Афандӣ. Дурару-л-ҳукком шарҳи Маҷаллати-л-аҳком (таъриби Фаҳмӣ Ҳусайнӣ). – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия.

92. Алиакбари Қурашӣ. Қомуси Қуръон. – Теҳрон, 1371 ш.

93. Алиризо Қарабулут ва Аҳмад Турон Қарабулут. Муъҷаму-т-таърихи-т-туроси-л-исломӣ фӣ мактаботи-л-олам. – Туркия, Қайсарӣ, 2001.

94. ал-Мавсӯату-л-арабияту-л-оламия [Global Arabic Encyclopedia] (зери назар ва таҳрири доктор Аҳмад Шувайхот). – Нусхаи электронӣ, 1425 ҳ. (2004 м.)).

95. ал-Мавсӯату-л-фиқҳийяту-л-Кувайтийя (Визорату-л-авқоф ва-ш-шууни-л-исломийя). Кувайт, 2004.

96. ал-Мунҷид фи-л-луғати-л-арабияти-л-муосира. – Бейрут: Дору-л-машриқ, 2001.

97. Алоуддин Абубакр ибни Масъуди Косонӣ. Бадоеъу-с-саноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, Муассасату-т-таърихи-л-арабӣ, 1419 ҳ. (1998 м.).

98. Алоуддин Алӣ ибни Амруллоҳи Ҳамидӣ маъруф ба Ибни ал-Ҳинноӣ. Табақоту-л-ҳанафия. – Бағдод, 2005.

99. Алоуддин Атомалик ибни Баҳоуддин Муҳаммад Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонкушо. Теҳрон, 1391 ш.

100. Асъад Муҳаммадсаъиди Соғарҷӣ. ал-Фиқҳу-л-ҳанафӣ ва адиллатуҳу. – Димишқ: Дору-л-калими-т-тайиб, 2008.

101. Афиф Абдулфаттоҳ Таббора. Рӯҳи дини исломӣ, (тарҷимаи форсӣ, Абубакри Ҳасанзода). – Машҳад: Интишороти Сақиз (Муҳаммадӣ), 1375 ш. (1997).

102. Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. ад-Дироя фӣ тахриҷи аҳодиси-л-Ҳидоя. – Бейрут: Дору-л-маърифат.

103. Аҳмад ибни Алӣ маъруф ба ал-Хатибу-л-Бағдодӣ. Таъриху Мадинати-с-салом (Бағдод). – Бейрут, 2001.

104. Аҳмад ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Халликон. Вафаёту-л-аъён. – Бейрут, 1973.

105. Аҳмад ибни Муҳаммаднасируддин ан-Нақиб. ал-Мазҳабу-л-ҳанафӣ: мароҳилуҳу ва табақотуҳу .... – Риёз, 2001.

106. Аҳмад Саъид Ҳавво. ал-Мадхал ило мазҳаби-л-имом Абиҳанифата ан-Нуъмон. – Ҷадда, 2002.

107. Аҳмади Донишгар. Фарҳанги луғоти форсии навин. – Теҳрон: Ҳофизи навин, 1381 ш.

108. Аҳмади Шалабӣ. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ ва таъриху-н-нузуми-л-қазоияти фи-л-ислом. – Қоҳира, 1976.

109. Бадруддин Маҳмуд ибни Аҳмади Айнӣ. Нухабу-л-афкор фӣ танқеҳи мабони-л-ахбор. – Бейрут, 2011.

110. Большая советская энциклопедия. – Москва, 1978.

111. Брокгауз Ф. А., Ефрон И. А. Энциклопедический словарь. Современная версия. – М.: Изд-во Эксмо, 2004.

112. Бурҳониддин Абулмаолӣ Маҳмуд ибни Садрушшариат ибни Мозаи Бухорӣ. Муҳити Бурҳонӣ. – Бейрут: Муассисаи Назеҳ Киркӣ, 2004.

113. В. В. Бартольд. Сочинения. Том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. – Москва: Издательства восточной литера-

туры, 1963.

114. Ваҳба Зуҳайлӣ. ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. – Димишқ: Дору-л-фикр, 1428 ҳ. (2007).

115. Ваҳба Зуҳайлӣ. Тафсиру-л-Васит. – Димишқ: Дору-л-фикр, 2000.

116. Ваҳба Зуҳайлӣ. Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир (тарҷимаи Абдулазизи Салимӣ). – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 2006.

117. Ваҳбӣ Сулаймон Ғоваҷии Албонӣ. Зани мусулмон. – Ҷадда: Дору-л-исфаҳонӣ, 1412 ҳ. (1991 м.).

118. Ваҳидуддинхон. Зан дар шариати ислом ва тамаддуни ғарбӣ (тарҷимаи арабӣ, Саййид Раисаҳмад Надвӣ). – Қоҳира: Дору-с-саҳва, 1414 ҳ. (1994 м.).

119. Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Ҷалолуддин ибни Шарафуддини Ромпурӣ. Ғиёсуллуғот (ба кӯшиши Мансури Сарват). – Теҳрон: Интишороти Амир Кабир, 1375 ш.

120. Ғуломқодир ан-Нуъмонӣ. Тарҷеҳу-р-роҷеҳ би-р-ривоя фӣ масоили-л-Ҳидоя ал-маъруф би-л-Қавли-р-роҷеҳ. – Ҳаққония. 2004.

121. Ғуломуддини Панҷшерӣ. Шарҳи Қудурӣ (тарҷимаи форсии китоби «ат-Тасҳилу-з-зарурӣ ли масоили-л-Қудурӣ»). – Мадинаи мунаввара: Мактабату дори-л-имон, 2003.

122. Ғуломҳусайн Садрии Афшор, Фарҳанги муосири форсӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1383 ш.

123. Густав Лебон. Таърихи тамаддуни Ислом ва араб [Civilisation des Arabes = The wold of Islamic civilization, Le Bon, Gustave] (тарҷимаи Муҳаммадтақӣ Фахрдоъии Гелонӣ). – Теҳрон: Дунёи китоб, 1386 ш. (2007 м.).

124. Ғюстав Лебон. История арабской цивилизации. – Минск, 2009.

125. Доирату-л-маорифи форсӣ. – Теҳрон, 1387 ш.

126. Забиҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Теҳрон, 1369 ш.

127. Зайнуддин ибни Иброҳим ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Нуҷайми Ҳанафӣ. ал-Баҳру-р-роиқ шарҳи «Канзу-д-дақоиқ». – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 2002.

128. Зафараҳмад Усмонии Таҳонавӣ. Эълоу-с-сунан. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1997.

129. Зегрид Ҳунка. Фарҳанги Ислом дар Аврупо [Islamic culture in Europe, Sigrid Hunke] (тарҷимаи Муртазо Руҳбонӣ). – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1386 ш. (2007 м.).

130. Зикруллоҳи Муҳаммадӣ. Нақши фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар бедории Ғарб. – Интишороти донишгоҳи байналмилалии Имом Хумайнӣ.

131. Исмоил ибни Ҳаммод ал-Ҷавҳарӣ. ас-Сиҳоҳ. – Бейрут: Дору-л-илм ли-л-малойин, 1990.

132. Камолуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳиди Сивосӣ маъруф ба Ибни Ҳумоми Ҳанафӣ. Фатҳу-л-қадир, шарҳу-л-Ҳидоя. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2009.

133. Карим Наҷиб Ағарр. Эъҷози Қуръон дар бораи он чи дар раҳмҳо нуҳуфтааст. – Бейрут: Дору-л-маърифат, 1425 ҳ. (2005 м.).

134. Карл Брукелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. – Қоҳира, 1959.

135. Книга Марко Поло, бо муқаддимаи И. Магидович.

136. Кошғарӣ, Маҳмуд ибни Ҳусайн. Девону луғоти-т-турк (тарҷимаи форсӣ: Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ). – Табрез: Нашри ахтар, 1384 ш.;

137. Қуръони карим.

138. Луғати русӣ-тоҷикӣ (Русско-таджикский словарь. – Москва: Интишороти Русский язык, 1985.

139. Луғатномаи Деҳхудо. Нусхаи электронии он, ривояти чаҳорум.

140. Мавлоно Муҳаммадтақии Усмонӣ. Масоил ва аҳкоми эътикоф (тарҷимаи форсӣ, Ёрмуҳаммади Амро). – Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2001.

141. Мавлоно Шафиқурраҳмони Надвӣ. Фиқҳи муяссар бар мазҳаби Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон (рҳ) (тарҷимаи форсӣ, Абдуррауфи Мухлис). – Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2008.

142. Маймун ибни Муҳаммад ан-Насафӣ. Табсирату-л-адиллати фӣ усули-д-дин. – Анқара, 1993.

143. Манноъ Халил ал-Қаттон. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ. – Риёз, 1996.

144. Манучеҳри Дастгир. Одоби ҳамсарӣ ва ҳамбистарӣ. – Санандач: Интишороти Курдистон, 1387 ш.

145. Марям Муҳаммадсолеҳи Зафирӣ. Мусталаҳоту-л-мазоҳиби-л-фиқҳия ва асору-л-фиқҳи-л-мармуз фи-л-аъломи ва-л-кутуби ва-т-тарҷеҳот. – Бейрут: Дору Ибни Ҳазм, 2002.

146. Маҳдии Маҳрезӣ, Шахсият ва ҳуқуқи зан дар ислом. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 2007.

147. Маҳмуд Абдурраҳмон Абдулмунъим. Муъҷаму-л-мусталаҳот ва-л-алфози-л-фиқҳия. – Қоҳира: Дору-л-фазила, 1999.

148. Маҳмуд Маҳдии Истанбулӣ. Туҳфату-л-арӯс ё аз-Завоҷу-л-исломийю-с-саъид. – Бейрут: Дору бисот, соли чоп нишон дода нашудааст.

149. Музаффаруддин Аҳмад ибни Алӣ маъруф ба Ибни Соъотӣ. Маҷмаъу-л-баҳрайн ва мултақа-н-наййирайн. – Бейрут, 2005.

150. Мустафо Аҳмад аз-Зарқо. ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва мадорисуҳу. – Димишқ, 1995.

151. Мустафо Аҳмад Зарқо. ал-Мадхалу-л-фиқҳию-омм. – Димишқ: Дору-л-қалам, 1418 ҳ. (1998 м.).

152. Муфтӣ Худоназари Қанбарзиҳӣ. Маҳмуду-л-фатово (Фатовои Дору-л-улуми Зоҳидон). – Зоҳидон: Интишороти Сиддиқӣ, 2004.

153. Муфтӣ Ҷамилаҳмади Назирӣ. Равиши намози расули Худо (с) (тарҷимаи форсӣ. Муҳаммадамини Ҳусайнбар). – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2005.

154. Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслими Баҳлавӣ. Адиллату-л-ҳанафия. – Димишқ: Дору-л-қалам, 2007.

155. Муҳаммад Ақла. Низому-л-усрати фи-л-ислом. – Аммон: Мактабату-р-рисолати-л-ҳадиса, 1423 ҳ. (2002).

156. Муҳаммад Дасуқӣ. Муқаддаматун фӣ диросати-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Қатар, 1999.

157. Муҳаммад Зиёурраҳмон ал-Аъзамӣ. Фусулун фӣ адёни-л-Ҳинд: ал-Ҳиндусия ва-л-бузия ва-л-ҷайния ва-с-сихия ва илоқату-т-тасаввуфи биҳо. – ал-Мадинату-л-мунаввара: Дору-л-Бухорӣ, 1416 ҳ.

158. Муҳаммад ибни Алии Нимавӣ. Осору-с-сунан. – Мултон: Мактабаи Имдодия.

159. Муҳаммад ибни Амир Исмоили Санъонӣ. Субулу-с-салом. – Бейрут, 2007.

160. Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Абдуллоҳи Тӯйҷирӣ. Мухтасару-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Риёз: Байту-л-афкор ад-давлия, 1426 ҳ. (2005).

161. Муҳаммад ибни Муҳаммад Абуҳомиди Ғаззолӣ. ал-Васит фи-л-мазҳаб. – Қоҳира: Дору-р-рисолат, 1417 ҳ. (1997).

162. Муҳаммад ибни Яъқуб ал-Фирӯзободӣ. Қомусу-л-муҳит. – Бейрут, 2005.

163. Муҳаммад ибни-л-Ҳасан аш-Шайбонӣ. ал-Асл (таҳқиқ: Муҳаммад Бӯйнуколн. – Бейрут: Дору Ибни Ҳазм, 2012.

164. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти Иқболи Лоҳурӣ. – Теҳрон: Интишороти Паймон, 2002.

165. Муҳаммад Моҷиди Анз. ал-Муфассал фи-л-фиқҳи-л-ҳанафӣ. – Димишқ: Дору-л-фикр, 2009.

166. Муҳаммад Мустафо аш-Шалабӣ. ал-Мадхал фи-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Бейрут, 1985.

167. Муҳаммад Муъин. Фарҳанги Форсӣ. – Теҳрон: Интишороти Амир Кабир, 1375 ш. (1996 м.).

168. Муҳаммад Подшоҳ мутахаллис ба Шод. Фарҳанги ҷомеи форсии Онандроҷ. – Теҳрон: Китобфурӯшии Хайём, 1363 ш.

169. Муҳаммад Салом Мадкур. ал-Мадхал ли-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Кувайт, 1966.

170. Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ. ал-Муъҷаму-л-муфаҳрас ли алфози-л-Қуръони-л-карим. – Қум: Маншуроти Зави-л-қурбо, 2005.

171. Муҳаммад Хузарибек. Таъриху-т-ташреи-л-исломӣ. – Бейрут, 1967.

172. Муҳаммадалии Соис. Таъриху-л-фиқҳи исломӣ. – Димишқ: Дору-л-фикр, 1999.

173. Муҳаммадалии Таҳонавӣ. Кашшофу истилоҳоти-л-фунуни ва-л-улум. – Бейрут: Мактабату Лубнон ноширун, 1996.

174. Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулъазиз маъруф ба Ибни Обидин. Маҷмӯаи расоили Ибни Обидин. – Кувейта: Мактабаи Усмония, соли чоп нишон дода нашудааст.

175. Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулъазиз. Радду-л-муҳтор, маъруф ба Ҳошияи Ибни Обидин. – Бейрут: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 1998.

176. Муҳаммадамин маъруф ба Ибни Обидин, Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – Мултон: Мактабаи Ҳаққония.

177. Муҳаммадамин маъруф ба Ибни Обидин. Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – Ҳайдаробод (Дакан), 2000.

178. Муҳаммаданвар Бакрӣ ва Ҳотам Умар Тоҳо. Бақеъу-л-ғарқад. Мадинаи мунаввара, 2004.

179. Муҳаммаданвари Кашмирии Девбандӣ. Файзу-л-борӣ ъало Саҳеҳи-л-Бухорӣ.– Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2005.

180. Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. ал-Имтоъ бӣ сирати-л-имомайн ал-Ҳасан ибни Зиёд ва соҳибиҳи Муҳаммад ибни Шуҷоъ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту ли-т-турос, 2003.

181. Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Булуғу-л-амонӣ фӣ сирати-л-имом Муҳаммад ибни-л-Ҳасан аш-Шайбонӣ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту ли-т-турос, 1998.

182. Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Ламаҳоту-н-назар фӣ сирати-л-имом Зуфар. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту ли-т-турос.

183. Муҳаммадзоҳид ибни Ҳасан ал-Кавсарӣ. Ҳусну-т-тақозӣ фӣ сирати-л-имом Абиюсуф ал-Қозӣ. – Қоҳира, ал-Мактабату-л-азҳарияту литтурос, 2002.

184. Муҳаммадошиқи Илоҳии Бурнӣ. ат-Тасҳилу-з-зарурӣ ли масоили-л-Қудурӣ. – Сол ва ҷои чоп нишон дода нашудааст.

185. Муҳаммадтақии Атторнажод. Нусхаи Аттор. –Теҳрон: Интишороти китобфурӯшии Ифтихорӣ, 1996.

186. Муҳаммадтақии Усмонӣ. Дарси Тирмизӣ (тарҷимаи форсӣ, Нуруллоҳи Кавсар). – Пешовар: Мактабаи Форуқия, 1387 ш. (2009 м.).

187. Муҳаммадтақии Усмонӣ. Дарси Ҷомеъи Тирмизӣ (тарҷимаи форсӣ, Муҳаммадризои Рухшонӣ). – Зоҳидон: Интишороти Сиддиқӣ, 2006.

188. Муҳаммадтақии Усмонӣ. Усулу-л-ифтои ва одобуҳу. – Карочӣ: Мактабату маорифи-л-Қуръон, 2011.

189. Муҳаммадшафеи Усмонии Девбандӣ. Тафсири Маорифу-л-Қуръон (тарҷимаи форсӣ). – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2004.

190. Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммади Қурайшии Ҳанафӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. – Ҳаҷар, 1993.

191. Муҳйиддини Солеҳӣ. Шарҳи ҳол ва зиндагии асҳоби сиҳоҳи ситта. – Санандач: Интишороти Курдистон, 2002.

192. Наҷмуддин Муҳаммади Дараконӣ. Ихтисору-р-ривоя, шарҳи Мухтасару-л-виқоя. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2005.

193. Нуруддин Алӣ ибни Абдуллоҳи Самҳудӣ. Вафоу-л-вафо биахбори дори-л-Мустафо. Лейден, 2001.

194. Озартоши Озарнӯш. Фарҳанги муосири арабӣ-форсӣ. – Теҳрон: Нашри най, 1386 ш.

195. Парвини Рустамӣ. Фаслномаи «Пажӯҳише дар таърих», шумораи 12, аз таърихи 21/01/ 1393 ш. мақолаи «Қавонини муғулии ҳукумати Эйлхонон дар Эрони исломӣ».

196. Расоилу ихвони-с-сафо ва хуллони-л-вафо. – Бейрут: Дору Содир, соли чоп нишон дода нашудааст.

197. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеу-т-таворих. – Лейдан: Брелл, 1911.

198. Сайфуддин Муҳаммади Фарғонӣ. Девони қасоид ва қитаот.

199. Салим Рустам Боз ал-Лубнонӣ. Шарҳу-л-маҷалла. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, соли чоп нишон дода нашудааст.

200. Сафарномаи Марко Поло (тарҷимаи арабӣ, Абдулъазиз Ҷовид). – Қоҳира, 1996.

201. Саъидаҳмад Полунпурӣ. Шарҳи уқуду расми-л-муфтӣ (тарҷимаи форсӣ, Абуосим Ғуломуҳаммади Шарофатманд). – Турбати Ҷом. Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1391 ш.

202. Словарь иностраных слов и выражений/ Авт. – сост. Е. С. Зенович. – М.: ООО «Издателство АСТ»: Олимп, 2000.

203. Словарь исторических терминов, имен и историко-географических названий. – Составитель Александр Петрович Торопцев. – Москва, 2002.

204. Словарь русского языка/Ан СССР, Под ред. А. П. Евгеньевой. 2-е изд. – М.: «Русский язык», 1983.

205. Советская историческая энциклопедия. – Москва, 1976.

206. Советский энциклопедический словарь. – М.: «Советская Энциклопедия», 1980.

207. Современный словарь иностранных слов. Зав. редакцией Е. А. Гришина. – М.: «Русский язык», 1992.

208. Убайдуллоҳ ибни Масъуди Тоҷушшариъа. Мухтасару-л-виқоя.

209. Убайдуллоҳ ибни Масъуди Тоҷушшариъа. Шарҳу-л-виқоя.

210. Умар ибни Абдулъазиз ибни Мозаи Бухорӣ маъруф ба Садрушшаҳид. Шарҳи «Ҷомеъу-с-сағир». – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2006.

211. Умар Ризо Каҳҳола. Муъҷаму-л-муаллифин. – Бейрут, 1993.

212. Умар Сулаймон ал-Ашқар. ал-Мадхал ила-ш-шариати ва-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Аммон, 2005.

213. Умар Сулаймон ал-Ашқар. Таъриху-л-фиқҳи-л-исломӣ. – Кувайт.

214. Фаридуддин Олим ибни-л-Ало ал-Индарпатӣ ад-Деҳлавӣ. ал-Фатова-т-тоторхония (ал-Мураттиб: Шаббираҳмад ал-Қосимӣ). – Муродобод, Ҳинд, 2010.

215. Фарҳанги забони тоҷикӣ (зери таҳрири М. Шукуров ва дигарон). – Москва: Интишороти Советская энциклопедия, 1969.

216. Фарҳанги мутавассити Деххудо (зери назари Ҷаъфари Шаҳидӣ). – Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1385 ш. (2006 м.).

217. Фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ (баргардон аз хатти кириллӣ, Мӯҳсини Шуҷоъӣ). – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1385 ш. (2006 м.).

218. Фуод Сезгин. Таъриху-т-туроси-л-арабӣ. – Риёз, 1991.

219. Хайруддин Зириклӣ. ал-Аълом, қомӯси шарҳи ҳоли машҳуртарин мардон ва занони араб, арабшинос ва шарқшинос». – Бейрут: Дору-л-илм ли-л-малойин, 2005.

220. Харлампий Карпович Баранов. Арабско-руский словарь. – Москва: Интишороти Русский язык, 1985.

221. Холид Сайфуллоҳи Раҳмонӣ. Масоили фиқҳии муосир (тарҷимаи форсӣ. Ғуломмуҳаммад Яҳёи Ҳалим). – Пешовар: Мактабаи Форуқия.

222. Ҳасан ибни Аммор ибни Алӣ аш-Шурунбулолӣ. Мароқи-л-фалоҳ би имдоди-л-фаттоҳ, шарҳу Нури-л-эзоҳ ва наҷоти-л-арвоҳ маъа ҳошияти ат-Таҳтовӣ. – Бейрут, 2004.

223. Ҳасан Иброҳим Ҳасан. Таърихи сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ислом. – Қоҳира: Дору эҳёи-т-туроси-л-арабӣ, 1964, 1965.

224. Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги бузурги сухан. – Теҳрон: Интишороти сухан, 1393 ш.

225. Ҳафизуллоҳ Тоҳирӣ ва Ғуломаҳмади Муваҳҳидӣ. Хулосату-л-масоили фиқҳи ҳанафӣ. – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2003.

226. Ҳорун ибни Баҳоуддин маъруф ба Шиҳобуддини Марҷонӣ. Нозурату-л-ҳақ фӣ фарзийяти-л-ишои ва ин лам яғиби-ш-шафақ. – Қазон, 1870.

227. Ҳофиз Саноуллоҳи Зоҳидӣ. Тайсиру-л-усул. – Бейрут: Дори Ибни Ҳазм, 1997.

228. Ҳусайн ибни Муҳаммадсаъид ибни Абдулғании Ҳанафӣ. Ҳошияи Иршоду-с-сорӣ ило маносики Мулло Алиқорӣ. – Макка: Мактабаи Имдодия, 1430 ҳ. (2009 м.).

229. Ҷалолуддин Суютӣ. Тадрибу-р-ровӣ фӣ шарҳи Тақриби-н-Навовӣ. – Риёз, 2003.

230. Ҷамол Муҳаммадфақии Расул. Зан дар андешаи исломӣ (тарҷимаи Маҳмуд Иброҳимӣ). – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 2004.

231. Ҷамолуддин Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Юсуфи Зайлаъии Ҳанафӣ. Насбу-р-рояи Зайлаъӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1996.

232. Шамсуддин Заҳабӣ. Танқеҳу-т-таҳқиқ фӣ аҳодиси-т-таълиқ. – Риёз, 2000.

233. Шарҳи муснади Абуҳанифа. Бейрут.

234. Шоҳ Файсал. Тасҳилу-л-ҳидоя (тарҷимаи форсӣ, Мавлоно Абдурраҳмон Соҳиб). – Пешовар: Файсал кутубхона, 1429 ҳ. (2008 м.).

235. Юсуф Қарзовӣ. Фиқҳу-з-закот. – Бейрут: Муассасату-р-рисолат, 1423 ҳ. (2002).

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА **7**

БАРОИ ОГОҲӢ 8

Оғози матолиб 10
Дар бораи фиқҳ 12
Мактаби фиқҳии имом Абуҳанифа (рҳ) 16
Пӯёии фиқҳи исломӣ 62
Роҳнамои китоб 73
Улуми исломӣ 78

ИБОДОТ
Бахши аввал

КИТОБИ ВУЗӮ (ТАҲОРАТ) **137**

Фасли аввал
ВУЗӮ-ТАҲОРАТ 138
Тариқаи вузӯ гирифтан 139
Вузӯи комил гирифтан 140
Фарзҳои вузӯ 141
Масҳи риш 141
Суннатҳои вузӯ 142
Мустаҳабботи вузӯ 143
Бақияи одоб ва мустаҳабботи обдаст (вузӯ) 143
Шиканандаҳои вузӯ 144
Баёни муфассалтари порае аз одоб, мустаҳаббот ва шикананда ҳои вузӯ 145
Навъҳои вузӯ 150

Фасли дуввум
ҒУСЛ 151
Тариқаи ғусл кардан 151
Мӯҷиботи ғусл 152
Истифода аз ғилофак 152
Фарзҳои ғусл 152
Суннатҳои ғусл 153
Аҳкоми ғусл 153
Тазаккури зарурӣ дар бораи мӯҷиботи ғусл 153
Баъзе масоили ин боб 155
Ҳикматҳо ва фавоиди вузӯ ва ғусл 156
Масоили гуногуне дар боби ғусл 157

Фасли севвум

АҲКОМИ ОБҲО 158
Омехтани чизе бо об 160
Покӣ ва наҷосати обҳо 161
Пӯсти ҳайвонот 161
Баъзе масоили оби равон ва оби ҳавз 162

Фасли чаҳорум

АҲКОМИ ЧОҲ 165
Баъзе масоили оби чоҳ 165
Оби рокид (қарор) 167
Аҳкоми пасхӯрда 167

Фасли панҷум

ТАЯММУМ 169
Тариқаи таяммум кардан 170
Аҳкоми таяммум 171
Фарзҳои таяммум 172
Суннатҳои таяммум. 172
Шартҳои дуруст гардидани таяммум 172
Шиканандаҳои таяммум 173
Тафсили порае аз масоили таяммум 174
Нуктаи латиф 175

Фасли шашум

МАСҲ БАР МӮЗАҲО (МАСҲИҲО), ЗАХМБАНД,
ТАХТАИ ШИКАСТАБАНДӢ ВА АҲКОМИ ОН 176
Баъзе масоили масҳ 177
Шиканандаҳои масҳ 179
Масоили гуногун дар боби масҳ 179

Фасли ҳафтум

ҲАЙЗ 180
Дар бораи ҳайз 180
Нифос 181
Корҳое, ки барои зан дар аснои ҳайзу нифос мамнӯъ ва ҳаром аст 181
Корҳое, ки барои занон дар аснои ҳайзу нифос
мубоҳ (ҷоиз) мебошанд 182
Назари Қуръон дар бораи ҳайз 182

Фасли ҳаштум

ИСТИҲОЗА 186
Тафсили порае аз масоили ҳайз, нифос ва истиҳоза 186
Аҳкоми маъзур 188
Баъзе масоили маъзур 188

Фасли нуҳум

НАҶОСАТҲО ВА ПОК КАРДАНИ ОНҲО 189
Наҷосати ҳақиқӣ 189
Тариқаи поксозии чизҳои наҷис 190
Тафсили баъзе масоили поксозии наҷосатҳо 191
Поксози бо об 191
Наҷосати ҳукмӣ 196
Одоби қазои ҳоҷат 197
Истинҷо 199
Тафсили масоили истинҷо 200

Бахши дуввум

КИТОБИ НАМОЗ 203

НАМОЗ 204

Фасли аввал

НАМОЗҲОИ ПАНҶГОНА 207
Вақтҳои намоз 207
Вақтҳои намозҳои воҷиб ва суннат 209
Вақтҳои мустаҳаб барои адои намозҳо 209
Вақтҳое, ки дар онҳо намоз ҷоиз нест 210
Вақтҳои макрӯҳ 210

Фасли дуввум

АЗОН ВА ИҚОМАТ 211
Аҳкоми азон ва иқомат 213
Баъзе масоили азон ва иқомат 214
Фарқи азон аз иқомат 215

Фасли севвум

ШАРТҲОИ НАМОЗ 217
Баъзе масоили ин боб 217
Миқдори пӯшонидани аврат 218
Ҷиҳати қибла 218
Аҳком ва масоили қибла 219

Фасли чаҳорум

ФАРЗҲОИ НАМОЗ 221
Воҷиботи намоз 221
Суннатҳои намоз 222
Одоби намоз 225
Тафовутҳои намози зан аз намози мард 225

Фасли панҷум

ТАРЗИ ГУЗОРИДАНИ НАМОЗ 226
Тафсили порае аз масоили намоз 232
Масъалаҳое дар мавзӯи қироат 233
Сураҳое, ки паёмбар (с) дар баъзе мавридҳо бештар онҳоро мехонд 233
Тиловати Қуръон 235

Фасли шашум

НАМОЗИ ҶАМОАТ 237
Аҳаммияти намози ҷамоат 238
Рост намудани саф 239
Вазифаи имом 240
Таблиғ аз қафои имом 241
Аҳкоми намози ҷамоат 241
Такрори ҷамоат дар масҷид 244
Имоматии писарбачаи ноболиғ 245
Вазифаи муқтадӣ 246
Аҳкоми иқтидо кардан 248
Иқтидо ба аҳли мазҳаби дигар 250
Мутобиати муқтадӣ аз имом 251
Қироат аз пушти имом 252
Қироат аз рӯи Мусҳаф 254

Фасли ҳафтум

МАСЪАЛАҲОИ ПАЙВАСТАН БА ҶАМОАТ 255
Ҳолатҳое, ки ҳузури дар ҷамоатро аз намозгузор соқит месозанд 255
Баъзе масоиле, ки баъд аз фориғ гаштани имом аз намоз муқтадӣ бояд анҷом диҳад ё надиҳад 256
Масъалаҳои берун шудан аз масҷид 257
Зикрҳои маснун ва мустаҳаб дар қавма ва ҷалса 257
Зикрҳои маснун ва мустаҳаб баъд аз фарзҳои намоз 258
Даст бардоштан ба дуо 261
Дуо ва одоби он 263

Фасли ҳаштум

БЕТАҲОРАТӢ ДАР НАМОЗ (сабқати ҳадас) 268
Муфсидоти намоз 269
Тафсили порае аз муфсидоти намоз 270
Ҷунун ва таъсири он дар ибодатҳо 271
Сутра ва аҳкоми он 272
Макрӯҳоти намоз 273
Тафсили порае аз макрӯҳоти намоз 276
Баёни ҳолатҳое, ки метавон намозро барои онҳо бурид 277

Фасли нуҳум

НАМОЗИ ВИТР 278
Қунут ва масоили мутааллиқ ба он 281
Суннатҳои ҳаррӯза 283

Фасли даҳум

НАМОЗҲОИ НОФИЛА 286
Қиёми лайл 290
Аҳкоми намозҳои нофила 294
Намози таровеҳ 296
Таърихчаи пайдоиши намози таровеҳ 296
Адади ракъатҳои намози таровеҳ 297
Хатми Қуръон дар намози таровеҳ 299
Қазои намозҳои фавтшуда 300
Тафсили ҳолатҳое дар боби қазои намоз 300
Намозу рӯза дар минтақаҳои қутбӣ 301

Фасли ёздаҳум

САҶДАИ САҲВ 304
Аҳкоми саҷдаи саҳв 305
Тафсили масоиле аз саҷдаи саҳв 306

Фасли дувоздаҳум

САҶДАИ ТИЛОВАТ 308
Аҳкоми саҷдаи тиловат 308
Баъзе масоили саҷдаи тиловат 309

Фасли сездаҳум

НАМОЗИ БЕМОР 311

Фасли чаҳордаҳум

НИЯТ ВА НАВЪҲОИ САФАР 313
Вақтҳои беҳтарин ва одобу дуоҳои сафар 313
Сафари шаръӣ ё сафаре, ки намоз дар он қаср хонда мешавад 316
Миқдори масофаи сафар 317
Намози мусофир 319
Баъзе масоили сафар ва мусофир 321
Аҳкоми гуногуни намози мусофир 322
Ватан куҷост? 322
Тафсили порае аз масоил ва аҳкоми таяммуми мусофир 323
Аҳкоми сафари баҳрӣ 324
Аҳкоми сафари ҳавоӣ 324
Намозҳои суннат дар сафар 324
Ҷамъи байни ду намоз 327

Фасли понздаҳум

НАМОЗИ ҶУМЪА 328
Шартҳои вуҷуби намози ҷумъа 329

Шартҳои сиҳҳати намози ҷумъа....330
Шартҳои вуҷуб ва сиҳҳати намози ҷумъа....331
Тарзи хондани намози ҷумъа....333
Аҳкоми намози ҷумъа....333
Порае аз фазоили рӯзи ҷумъа....334
Одоби рӯзи ҷумъа....334
Фазилатҳои намози ҷумъа....334
Хутба хондан....335
Порае аз масоили намози ҷумъа....336
Азони рӯзи ҷумъа....337
Азони ҷавқ (гуруҳӣ, бо ҳамхонӣ)....337

Фасли шонздаҳум

НАМОЗИ ИДАЙН....339
Вақти намози идайн....339
Суннатҳо ва мустаҳаботи идайн....339
Тарзи адои намози идайн....339
Аҳкоми намози идайн....340
Одобу суннатҳои ид....340
Аҳаммияти намози ид....341
Такбироти ташриқ....342

Фасли ҳабдаҳум

НАМОЗИ КУСУФ....343
Намози истисқо....344
Намози хавф....348
Намоз дар Каъба....348

Фасли ҳаждаҳум

АҲКОМИ ҶАНОЗА (эҳтизор)....349
Ғусли маййит....350
Такфин....352
Тарзи печидани кафани мард....352
Тарзи кафан кардани зан....353

Фасли нуздаҳум

НАМОЗИ ҶАНОЗА....354
Қироати сураи фотиҳа дар намози ҷаноза....355
Намози ҷанозаи ғоиб....355
Ҷаноза ва дафни тифл....355
Порае аз масоили намози ҷаноза....356
Бардоштан ва дафни мурда....357
Қироати Қуръон бар сари қабр....359
Баъзе масоили ҷаноза....360
Ҳукми намози ҷаноза дар масҷид....361
Аҳкоми шаҳид....362
Шаҳид бар се қисм аст....362

Воҷиботи бозмондагони мурда 364
Фидяи савму салот 367
Таракаи маййит 370
Зиёрати қубур 379
Савоби тоатҳо ва дигар амалҳои хайр 381
Ниёбат дар тоатҳо 382
Гирифтани музд бар қурбатҳо 384
Хатми Қуръон 385
Чилёсин 386
Тӯмор 386
Таштоб 388

Бахши севвум

КИТОБИ ЗАКОТ 389

Фасли аввал

ЗАКОТ 390
Мавридҳои закот 392
Шарҳои фарз гардидани закот 392
Шартҳои дуруст гардидани адои закот 393
Закот бар кӣ фарз аст? 394

Фасли дуввум

НАВЪҲОИ АМВОЛЕ, КИ ЗАКОТ ДАР ОНҲО ВОҶИБ МЕБОШАД 396
Нисоби муайяни ҳар навъи мол ва миқдори ҳаққи закоти он 396
Нисоби чаҳорпоён 396
1. Шутур 397
2. Гов 397
3. Гӯсфанд 397
4. Асп 397
Аҳкоми гуногун 399

Фасли севвум

ЗАКОТИ ТИЛО, НУҚРА ВА МОЛҲОИ ТИҶОРАТӢ 400
Мисқол ва динор 402
Баробарии арзиши тило ва нуқра дар замони расули Худо (с) 404
Зеваролот ва масоили ороишӣ 405
Молҳои тиҷоратӣ 407
Закоти қарзҳо 408
Ушр 408
Закоти зироат ва меваҷот 409
Ушри дигар маҳсулоти зироатӣ 410
Додани ушр, закот ва садақаи фитр ба имомҳои ҷамоат 411
Тарзҳои нави истифодаи замин 411
Закоти дороиҳои ширкатҳо 412
Навъҳои замин 413
Чанд масъалаи муосир 414

Тафовутҳои ушр аз закот 415
Хумс 416
Маъданҳо 416

Фасли чаҳорум

МАСРАФҲОИ ЗАКОТ 418
Қарори маҷлиси маҷмаи фиқҳи исломӣ дар бораи маънои «дар роҳи Худо» 419
Масъулияти ҷамъоварӣ ва тақсими закот 420
Додани закот ба одамони зерин ҷоиз нест! 420
Порае аз масоили ин боб 421
Шартҳои истеҳқоқи закот 422
Одоб ва мамнуъоти закот 425
Молҳои зоҳир (ошкор) ва ботин (пӯшида) 426

Фасли панҷум

Оё закот пас аз вафоти шахс соқит мешавад 428
Оё гурез аз пардохти закот бо бакор бурдани ҳилла ҷоиз аст 428
Тавсияҳои умумӣ 249
Солшумории қамарӣ (моҳтобӣ) 431

Фасли шашум

САДАҚАИ ФИТР 433
Чӣ касе садақаи Фитрро мепардозад? 433
Миқдори садақаи Фитр 433
Вақти пардохти садақаи Фитр 434

Бахши чаҳорум

КИТОБИ РӮЗА 435

Фасли аввал

РӮЗА 436
Фоидаҳои рӯза 437
Аҳкоми рӯза 437
Рӯзаи фарзӣ 437
Рӯзаи воҷиб 437
Рӯзаҳои нафл 438
Шаш рӯзе аз моҳи шаввол 438
Се рӯзе аз ҳар моҳ 439
Рӯза дар вақтҳои дигар 439
Рӯзаҳои макрӯҳ 440
Рӯзаҳои ҳаром 441
Баъзе масоили ин боб 441
Чанд нуктаи дигар дар бораи рӯзаи нафлӣ 442
Нияти рӯза 442
Собит шудани моҳи мубораки Рамазон 443
Тафовути матлаъҳо 444
Порае аз масоили ин боб 445
Шартҳои воҷиб гардидани рӯза 446

Фазоили саҳарӣ 446
Таъҷили ифтор 447
Дуои ифтор 448
Баёни ҳолатҳое, ки шикастан ё нагирифтани рӯза дар онҳо ҷоиз аст 448
Арзиши эҳсону некӣ дар моҳи Рамазон 450
Аҳком ва одоб 451

Фасли дуввум

МУФСИДОТИ РӮЗА 454
Тазриқи сӯзандору дар моҳи Рамазон 455
Дар мавридҳои зерин рӯза фосид намешавад 456
Макрӯҳоти рӯза 457
Нагирифтани рӯзаи моҳи мубораки Рамазон
барои чӣ касоне иҷозат аст? 457

Фасли севвум

КАФФОРАТИ РӮЗА 459
Тафсиле дар масоиле дар бораи каффорат 461
Рӯзаи қазо 462
Масоили муосир дар боби рӯза 463
Рӯзаи назр 467
Ҳукми назр 468
Навъҳои назр 469

Фасли чаҳорум

Эътикоф дар моҳи Рамазон 471
Эътикоф барои дарёфтани шаби Қадр 472
Тариқаи эътикоф нишастан 473
Эътикоф бар се қисм аст 473
Заруратҳо ва ниёзҳо дар аснои эътикоф 474
Эътикофи занон 476
Ба истиқболи Иди Рамазон 476

Фасли панҷум

ҚУРБОНӢ - УЗҲИЯ 478
Вақти қурбонӣ кардан 479
Ҳайвоноте, ки қурбонии онҳо ҷоиз аст 780
Шартҳои сиҳҳати қурбонӣ 482

Бахши панҷум

КИТОБИ ҲАҶ 485

Фасли аввал

ҲАҶ 487
Шароити воҷиб шудани ҳаҷ 487
Шартҳои воҷиб гардидани анҷоми ҳаҷ 487
Фарзҳои ҳаҷ 488
Воҷиботи ҳаҷ 488

Суннатҳои ҳаҷ 489
Миқотгоҳ 489
Эҳром 491
Мамнӯоти эҳром 493

Фасли дуввум

ТАРЗИ АНҶОМ ДОДАНИ ҲАҶ 495
Дохил шудан ба Макка 495
Тавофи қудум ва тарзи анҷом додани он 496
Намози тавоф 497
Саъй миёни Сафо ва Марва 498
Рафтан ба Мино ва Арафот 498
Ҳаракат ба сӯи Муздалифа 499
Ҳаракат ба сӯи Мино 499
Тавофи зиёрат 500
Сангзанӣ ба шайтон 500
Тавофи видоъ 500
Масъалаҳои гуногун 502
Тавофи зани ҳоиз 503

Фасли севвум

УМРА 505
Қирон 506
Таматтӯъ 506

Фасли чаҳорум

МОҲҲОИ ҲАҶ 508
Ҳаҷҷи мардуми Макка ва атрофи он 508
Ҷиноятҳо 508
Тафсили ҷиноятҳои дар эҳром ва қазои он 508
Баёни ҷиноятҳо дар аъмол ва маносики ҳаҷ ва
ҷазои он 508
Масъалаҳои гуногун 509
Тафсири ҷиноятҳое, ки ба шахси ҳаҷгузор тааллуқ доранд 510
Ҳукми маъзур 512
Вайрон намудани тартиб 512
Таъхири баъзе аз воҷибот 513
Ҷиноятҳо дар умра 514
Истифодаи соябон (чатр) 514
Рафзи эҳром 515

Фасли панҷум

ШИКОР ДАР ҲОЛИ ЭҲРОМ 516
Ҳукми қорин дар содир кардани ҷиноят дар мамнӯоти эҳром 517
Бе эҳром гузаштани миқот 517
Ҷиноятҳои дар Ҳарам 517

Фасли шашум

ЭҲСОР 519
Ҳаҷҷи ниёбатӣ 519
Баъзе масоили ҳаҷ 520
Истифодаи собун дар аснои эҳром 521
Ҳаҷ кардан аз моли ҳаром 521
Ҳаҷҷи ноболиғ 521
Таърихчаи хонаи Каъба 522

Фасли ҳафтум

ҚУРБОНӢ ДАР ҲАҶ (ҲАДӢ) 525
Иди Қурбон 526

Фасли ҳаштум

ЗИЁРАТИ РАВЗАИ МУБОРАКИ ПАЁМБАРИ АКРАМ (С) 528
Одоби зиёрати масҷиди набавӣ 530
Гӯристони Бақеъ 531

Фасли нуҳум

ЗИКРҲО ВА ДУОҲО ДАР РАФТИ БАРГУЗОРИИ АЪМОЛ ВА МАНОСИКИ УМРАВУ ҲАҶ 533

Фасли даҳум

Ҳаҷҷаи паёмбари ислом (с) 542
Дар Макка 542
Тавофи хонаи Каъба 542
Саъй байни Сафо ва Марва 543
Ба сӯи Мино ва Арафот 543
Вуқуф дар Арафот 544
Ба сӯи Муздалифа 544
Дар Мино 544
Қурбонӣ 545
Тарошидани мӯи он ҳазрат (с) 545
Тавофи ифоза 545
Айёми ташриқ дар Мино 545
Бозгашт ба Мадина 546

АҲВОЛИ ШАХСӢ

Бахши аввал

ЗАН ВА ХОНАВОДА ДАР ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ 549

ХУСУСИЯТҲОИ НИЗОМИ ИСЛОМ 550
Бинои хонавода 551

Бахши дуввум

КИТОБИ НИКОҲ.....555

Фасли аввал

ХУЛОСА ВА МОҲИЯТИ НИКОҲ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ.....556
Издивоҷ дар Қуръони карим.....558
Издивоҷ дар суннати набавӣ.....559
Арзиши маънавии ақди никоҳ.....561
Фоидаҳои никоҳ.....563
Ҳолатҳои издивоҷ.....563

Фасли дуввум

ШАРТҲО ВА РУКНИ НИКОҲ.....564
Одоб ва суннатҳои никоҳ.....566
Тафсили мавзӯи никоҳ.....568
Ҳуқуқ ва масъулиятҳои дуҷонибаи зану шавҳар.....570
Масъулиятҳои шавҳар.....570
Бахше аз ҳуқуқҳои занон бар шавҳаронашон.....570
Масъулиятҳои зан.....570
Бахше аз ҳуқуқҳои мард бар ҳамсараш.....571
Калимаҳое, ки ақди никоҳ бо гуфтани онҳо баста мегардад.....571

Фасли севвум

ҲУКМИ СИҒА Ё НИКОҲИ МУВАҚҚАТ.....572
Издивоҷ бо кофирон.....572
Баъзе масоили боби никоҳ.....577
Никоҳи фузулӣ.....577
Ақди никоҳ ба воситаи китобат, ваколат ва рисолат.....577
Бастани ақди никоҳ аз тариқи воситаҳои алоқа – талефон , барқия, факс, интернет ва ғайра.....579

Фасли чаҳорум

МАРҲАРАМҲО (ЗАНҲОЕ, КИ НИКОҲИ ОНҲО ҲАРОМ АСТ).....582

Фасли панҷум

АҲКОМ ВА САЛОҲИЯТҲОИ ВАЛӢ ДАР АҚДИ НИКОҲ.....585

Фасли шашум

ИНТИХОБИ КУФВ БАРОИ ҲАЁТ.....587
Интихоби ҳамсари муносиб.....589
Хилвати саҳеҳа.....591
Маҳр ва ҳифзи каромати инсонии зан.....592
Пардохти маҳр.....593
Маҳри мисл.....595
Никоҳи шиғор.....595
Никоҳ барои ҳалола.....596

Навъҳои никоҳ 597
Никоҳи саҳеҳ 597
Никоҳи фосид ва ботил 599
Никоҳи мавқуф 600
Фарҳанги муошират ҷинсӣ 601
Истимно бо даст 603
Хутбаи никоҳ 604

Фасли ҳафтум
ШАРТ ГУЗОШТАН ДАР ВАҚТИ АҚДИ НИКОҲ 606
Ҳукми никоҳи кофирон 606
Риояи адолат дар байни занон 606
Бисёрҳамсарӣ аз дидгоҳи Ислом 607

Бахши севвум
КИТОБИ ШИРХОРАГӢ (РАЗОАТ) 611

ШИРХОРАГӢ (РАЗОАТ) 612
Баёни масоили ин боб 613

Бахши чаҳорум
КИТОБИ ТАЛОҚ 617

Фасли аввал
ТАЛОҚ АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ 618
Роҳҳои ҳалли пешниҳодии Қуръон 620

Фасли дуввум
ШАРОИТИ ТАЛОҚДИҲАНДА 621
Навъҳои талоқ 624
Навъҳои талоқ ба эътибори калимаҳо 626
Масоиле дар сареҳи талоқ 627
Нисбати лафзҳои талоқ, таҳрим ва ибона 628
Киноя талоқ 629
Васферо бар лафзи талоқ афзудан 634
Нисбат додани талоқ ба узвҳои бадани зан 635
Баёни масоили ин боб 635
Ҳукми сеталоқа 636

Фасли севвум
АҲКОМИ ТАЛОҚ ПЕШ АЗ ҲАМБИСТАРӢ ВА
ХИЛВАТИ САҲЕҲА 639
Тафвизи талоқ – ба ихтиёри зан супоридани талоқ 639
Баёни масоили ин боб 641
Талоқи бо шарт 641
Шартҳои дуруст гардидани таълиқи талоқ 642
Тафсили масоили ин боб 644
Мунҳал (бекор ва зоил) гардидани талоқи муаллақ 644

Талоқ дар ҳолати беморӣ 645
Баёни масоили ин боб 646
Масъалаи ҳадм 646

Фасли чаҳорум

ТАЛОҚИ РАҶЪӢ ВА БОИН 648
Пайвастани талоққо 650
Дар панҷ маврид зан талоқи боин мешавад 651
Саркашӣ ва нофармонии зан 651
Истисно дар талоқ 652
Фарқи талоқ аз фасх 654
Синни балоғат 656
Синни тамйиз – рушди фикрӣ пеш аз балоғат 658

Фасли панҷум

ИЙЛО 659
Хулъ 661
Талоқи муборот 662

Фасли шашум

ЗИҲОР 663
Лиъон 667
Тариқи баргузор намудани лиъон 667
Мардони иннин 668
Бемориҳои дармоннопазири аср 672
Ҳукми мафқуд ва ақим 673
Бордоркунии сунъӣ 675
Коштан ва ё интиқоли узвҳо 677

Фасли ҳафтум

ИДДА 680
Масоили гуногуни ин боб 681
Ҳикматҳои идда 682
Табдил шудан ё интиқол ёфтани идда аз навъе ба навъи дигар 686
Ҳидод 685
Собит шудани насаб 685
Баёни масоили ин боб 685
Нигаҳдорӣ ва парастории кӯдак 686
Аҳаммияти парастории кӯдак аз назари Қуръон 688
Нафақа ва таъмини ниёзҳо 691
Исқоти ҳамл (иҷҳози ҷанин) 694
Ақиқа 697
Таҳники тифл ва азон гуфтан дар гӯшаш 700
Хатнаи кӯдак 700

Фасли ҳаштум

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ИСЛОМ 703
Баробарии марду зан дар асли ваҳдати инсонӣ ва

дар каромати башарӣ 703
Усул ва ё куллиёти панҷгона 708
Пуштвонаи имонии пойгоҳи ҳуқуқии занон 709
Хушунат ва зӯроварӣ аз дидгоҳи ислом 709
Шоҳкориҳои дигари ислом дар ин ҷода 711
Масъули ҳифзи ҳуқуқи занон 712
Бурузи ташаннуҷ дар хонавода ва назароти Қуръон дар ин замина 713
Марҳалаи дигари ҳалли бӯҳрон 715
Хушунатҳо дар ҷомеа 715
Иффат ва покдоманӣ дар ҷомеа 716
Тафовутҳои марду зан 717
Инқилоби фикрӣ ва иҷтимоӣ 719

МАНОБЕЪ ВА САРЧАШМАҲО 721

УДК 031(575.3)
ББК 92Я2
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

АБДУШАРИФ БОҚИЗОДА

ФИҚҲИ ИСЛОМӢ
БАР АСОСИ МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ
(ИБОДОТ ВА АҲВОЛИ ШАХСӢ)

(НАШРИ ПАНҶУМИ ТАКМИЛШУДА)

Муҳаррири техникӣ ва тарроҳ:
Нурмуҳаммад Шамс
Мусаҳҳеҳ:
Мирзоев Баҳриддин
Саҳҳофон:
Сафаров Тоҷиддин, Зиёзода Дӯстмурод,
Меҳрангез Баҳриева

Муассисаи давлатии
Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик.
Душанбе, 2017
734018, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев – 17.

Ба чопаш 10.05.2018 имзо шуд. Андозааш 84х108 1/16. Коғази офсетии №1. Гарнитураи Times New Roman. Чопи офсет. 66,15 ҷузъи чопии шартӣ, 69, 3 ҷузъи нашрию ҳисобӣ, 46, 87 ҷузъи чопи аслӣ 2000 нусха. Супориши № 0000.

Дар ҶММ «ЭР-Граф»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз диапозитивҳои фармоишдиҳанда чоп шудааст.

ГЛАВНАЯ НАУЧНАЯ РЕДАКЦИЯ
ТАДЖИКСКОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭНЦИКЛОПЕДИИ

Абдушариф Бакизаде

Исламское право на основе ханафитской правовой школы (мазхаба)

[на таджикском языке]

В изучении Ислама знание основ систематизированного свода мусульманских законов – Шариата – имеет первостепенное значение, тем более, что Шариат не имеет аналога в других религиозных законодательных системах.

В Шариате, представляющем собой совокупность правовых, морально-этических и социальных норм ислама и охватывающем широчайший круг многообразных вопросов, освещаются, с точки зрения ислама, как религиозные, так и светские проблемы. В нем сведены в единую систему законы, регулирующие мусульманские обряды и меры, нормы морали и этики, хозяйственную деятельность, условия аренды и составление земельного кадастра, рассматриваются вопросы производства и потребления продуктов питания, взимания налогов с мусульман и иноверцев, финансовых и торговых операции и многое другое, определяющее поведение верующих и порядок жизни всей мусульманской общины.

Исламское право (фикх) является составной частью Шариата и включает в себя все элементы гражданского, уголовного, административного, процессуального, имущественного, наследственного, семейного и иного права. Исламские правовые нормы, по своей значимости, являются одними из богатейших источников сферы правоведения в человеческом обществе, обеспечивающих правовые основы жизни мусульманского общества и в нем настолько точно и тонко закладывались соответственность, сдержанность и гармония всех сфер жизни, что в целом создают необходимые условия для всестороннего развития и совершенствования личности и устойчивую правовую основу – базу для всех сторони жизни. Подобные унификации и соответствие в исламскоие право предоставили религиозным программам созидательность для дальнейшего развития и совершенствования личности. Несмотря на отсталость и застои охватившихся исламское общество в последний период, исламское право сумело сохранить свою динамику и передвигаться в ногу со временем.

Все правовые предписания в исламском праве базируются, в первую очередь, на предписаниях Священного Корана и Сунны, а затем на иджма (единодушное принятие решения) и кийасе (аналогии). Исламское право подробно изучено и систематизировано исламскими учеными и нашло свое отражение в учениях различных правовых школ.

Свод правовых норм ислама характеризуется тем, что он удовлетворяет естественные потребности человека, обеспечивает его духовное спокойствие, защищает гражданские права и способствует осуществлению справедливого правосудия. Отличительной чертой исламской системы права является то, что она служит делу совершенствования личности и создания устойчивой базы для защиты ее чести и достоинства, способствует здравому богослужению, а также интеллектуальному развитию, создает необходимые условия для формирования как духовно, так и физически здоровой личности.

Настоящая книга написана на основе учения школы Великого предстоятеля Имама Абуханифы (699–767) и достаточно пространно освещает все детали ханафитской доктрины по самым различным проблемам жизни мусульман.

Книга написана с учётом растущих духовных потребностей современного общества, а также в соответствии с потребностями современной культуры и в целях повышения уровня религиозных знаний мусульман. Религиозные ценности и знание правовых норм отражены в соответствии с требованиями современного общественного развития. В ее подготовке использованы аяты Священного Корана, установления Сунны Пророка ислама (с) и достижения исламской правовой науки. При ее подготовке особое внимание уделялось таким источникам фикха ханафитской школы, как: «ал-Хидая» Маргинани, «Фатх ал-кадир» Ибн Хумама, «Радд-ал-мухтар ала Дурр-ал-мухтар» под названием «Хашия» Ибн Абидина, «ал-Бахр ар-раик» Ибн Нуджайма ал-Ханафи, «Хашия ат-Тахтави ала мараки ал-фалах» Ахмада ибн Мухаммада ат-Тахтави, «Шарх маани-ал-осор» Абуджа'фара ат-Тахави, «ал-Мавсӯа ал-фикхия ал-кувайтия», «ал-Фикҳ ал-ислами ва адиллатуҳ» Вахба аз-Зухайли, а также известные комментарии Корана и достоверные хадисы Пророка Мухаммада (с).

В процессе работы над книгой привлекалось огромное число современных исследований по истории исламских мазхабов вообще и ханафитского мазхаба в частности.

Данная книга в первые было опубликована в 2006 году в свабодной форме и в 2009 году в рамках издания серии трудов по исламской культуре, предпринятой по инициативе Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Принимая во внимание духовную потребность общество в 2011 и 2016 годы книга было опубликована повторна. В 2018 году Таджикская национальная энциклопедия после тщательного рассмотрения и энциклопедической корректировки опубликовал его новое издание. Публикацией нового издания книги хотелось предоставить читателям возможность еще глубже ознакомиться с различными аспектами исламского права и исламской культуры в целом.

Искренне надеемся, что настоящая книга станет одним из настольных учебников по фикху во всех мусульманских образовательных учреждениях нашей страны и за её пределами и послужит делу возрождения и укрепления великих ценностей ислама, на которых находится вся мусульманская цивилизация.

در کتاب بخش عبادات، نظام خانواده، فرهنگ معاشرت اجتماعی وحقوقهای شهروندی (بخش احوال شخصی) به طور مفصل مورد ارزیابی قرار گرفته، نقش عبادت و بندگی خدا در تکامل روحی وبناء شخصیت إنسان بیان گردیده است. برنامۀ خداپرستی ونظام عبادتها جوهر آیین اسلام را به وجود آورده واین فضای روحی بر فراز ارزشهای إلاهی آن سایه افکنده است. نظام خانواده از دیدگاه اسلام تهداب بنیۀ جامعه، نقطۀ پیوند تمام رابطه های اجتماعی ومهد ساختار شخصیت إنسان به شمار می رود. بنابر إین، در قرآن کریم وسنت أحکام مربوط به آن، از قبیل خاستگاری، کفائت، نکاح، طلاق، خلع، عده، ظهار، إیلاء، رضاعت وغیره مفصل تر از أحکام عبادات بیان گردیده ودر تعلیمات اسلام به بنیاد خانوادۀ سالم وهمه جانبه رشدیافته توجه فائقی إبراز داشته شده است.

کتاب بار اوّل سال ۲۰۰۶ به چاپ رسیده، سال ۲۰۰۹ نیز در ضمن سلسلۀ آثار اسلامی با دستگیری همه‌جانبه پرزیدنت این کشور محترم امامعلی رحمان به طبع رسیده است. با نظرداشت نیاز معنوی جامعه سالهای ۲۰۱۱ و ۲۰۱۶ تجدید چاپ شد. اکنون مؤسسه علمی دانشنامه ملّی تاجیک پس از بازبینی کامل و تحریر انسیکلوپدی نشر نو آن را به دایرۀ وسیع خوانندگان تقدیم می‌کند.

فقه اسلامی

کتاب با توجه به نیازهای معنویی جامعه، در راستای غناوت فرهنگی کشور و به منظور إرتقاء معرفت دینی مردم مسلمان آماده گردیده است. در آن أحکام دینی و گنجینهٔ نفیس قانونگراری – فقه إسلامی با بیان تازه و در پوشش نوآوریهای علمی عصر پیشکش دوستداران علم و فرهنگ و تمدن إسلامی گردیده، در تهیه و تنظیم مطالب آن معتمدترین سرچشمه های فقهی قدیم و نو أهل سنت به ویژه منابع فقه حنفی، به مانند: هدایهٔ شریف (مرغینانی)، فتح القدیر – شرح هدایه (ابن همام)، رد المحتار علی در المختار معروف به حاشیهٔ ابن عابدین، البحر الرائق – شرح کنز الدقائق (ابن نجبم حنفی)، حاشیهٔ طحطاوی بر مراقی الفلاح (أحمد بن محمد طحطاوی)، شرح معانی الآثار (أبوجعفر طحاوی)، موسوعهٔ فقهی کویتی، فقه إسلامی و أدلته (وهبه زحیلی) و غیره و همچنین تفاسیر قرآن و منابع حدیثی، مورد إستفاده قرار گرفته اند.

فقه اسلامی به حق یکی از غنی ترین سرچشمهای قانونگزاری و پربارترین حوزهای حقوقی جامعهٔ بشری بوده، تناسب، تماسک وهمسازی بخشهای گوناگون در آن به قدری دقیق پایریزی شده اند، که در مجموع پایگاه أستوار حقوقی وطرح کاملی را برای تنظیم پهلوهای گوناگون حیات وتدبیر أمور زندگی إنسان به وجود آورده است. این توازن وهمگونی در قانونگزاری وفقه اسلامی مناسبتها و برنامهای دینی را به غایت سازنده و در تکامل شخصیت إنسان مؤثر گردانیده است. باوجود حالت رکود وعقب ماندگیی که جوامع اسلامی را در عصرهای أخیر فرا گرفته وتهاجم فرهنگی پرحجمی که بر ضد ارزشهای فرهنگی وتمدن ملتهای مسلمان صورت گرفته وبا پیچیده ترین شیوها إدامه دارد، فقه اسلامی توانسته است پویای وروح زندهٔ خودرا حفظ نماید و همپای زمان حرکت کند. إین مجموعهٔ نفیس در براورده ساختن نیازهای فطری إنسان، تأمین آرامش روحی، حمایهٔ حقوقهای شهروندی وتطبیق عدالت اجتماعی بر پیشرفته ترین قانونهای وضع بشر برتری دارد.

مدتهاست، که حوزه های فرهنگی ومرکزهای علمی کشور وفضای معرفتی ملت از ادبیات دینی، دانش نامه هایی با صبغهٔ فرهنگ ملی وشاه کاریهای نفیس فقه اسلامی خالی وبی بهره مانده اند. قشرهای گوناگون جامعه امروز به یک برنامهٔ فراگیر معنوی، طرح کاملی از أصالت فرهنگی وتقدیم مناسب ارزشهای اسلامی نیاز دارد وهیچ خدمت وعمل ماندگاری برای کشور از تلاش در راه حفظ هویت دینی و أصالت معنوی جامعه در إین أیام باارزشتر نخواهد بود!

مؤسسهٔ علمی دانشنامهٔ ملی تاجیک

عبد الشريف باقي زاده

فقه اسلامی

بر اساس مذهب حنفی
(عبادات واحوال شخصی)

[بزبان تاجيكي – حروف سيريلي]

چاپ پنجم
دوشنبه ــ ۲۰۱۸

المؤسسة العلمية موسوعة الطاجك القومية

عبد الشريف عبد الباقي

اَلْفِقهُ الإِسْلاَمِيُّ
عَلَي الْمَذهَبِ الْحَنَفِيِّ

الْعِبَادَاتُ وَ مَا يَتَعَلَّقُ بِالأَحْوَالِ الْشَّخْصِيَّةِ

[بِاللُّغَةِ الطَّاجِكِيِّة – الحُروف السِّيريليَّة]

الطَّبْعَةُ الْخامسَةُ

دوشنبه – ٢٠١٨